http://www.donishnoma.tj

ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

ҶИЛДИ I
А – АСОС

Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
Душанбе

УДК 03
ББК 92Я2
Э-67

Сармуҳаррир
А. ҚУРБОНОВ.
Ҷонишини Сармуҳаррир-котиби масъул
Б. РАҲМАТОВ.
Аъзои ҳайати таҳририя:
АБДУРАҲМОНОВ Б., АЗИЗӢ Ф. А., ДИЛОВАРОВ М., КОМИЛӢ А. Ш., ҚОСИМОВА М. Н., ҚУРБОНОВ У. А., МУҚИМОВ Р. С., МУҲАББАТОВ Х., САЙФУЛЛОЕВ А., ТАБАРОВ С. Ш.,ТОШЕВ А., РАҶАБОВ А., ТУРСУНОВ А. Т., ХОЛОВ М. Ш., ХУРОСОНӢ А. М., ҲАЗРАТҚУЛОВ М., ШАРИПОВ Н., ШАРИФОВ Х., ШАРИФОВА М.

ШӮРОИ ИЛМИЮ ТАҲРИРӢ
Раиси шӯро
М. ИЛОЛОВ.
Ҳайати шӯрои илмию таҳрирӣ:
Абдуллоев А., Абдусаломов И. А., Ақназаров О., Асрорӣ М., Ахмедов Ҳ. М., Аҳмадов Ҳ. М., Бахтӣ М., Бобозода Ғ., Бобоҷонов П. Б., Ғаниев И. Н., Ғаниев Ҷ. С., Диноршоев М. Д., Ёқубова М. М., Ибодинов Х. И., Имомов М. С., Имомов Ш., Исломов С. И., Каримов Х. Ҳ., Катаев А. Ҳ., Комилзода Д. Қ., Қаюмов Н. Қ., Қурбонов С. У., Лутфуллоев М., Мансуров Ҳ. Ҳ., Мансурхоҷаев М. А., Мардонӣ Т., Марупов Р. М., Масов Р. М., Маҳмудов М. А., Миров М. М., Мироҷов Ғ. Қ., Мирсаидов Ӯ. М., Муллоаҳмадов М., Муҳаммадалии М., Муҳаммадхоҷаев А., Мӯъминов Ҳ. Ҳ., Назарзода С., Назаров Т. Н., Наҷмиддинов С., Неъматов Н. Н., Неъматуллоев С. Ҳ., Одинаев С., Олимов К., Отахонова Х. О., Пирумшоев Ҳ., Почоҷонов Д. Н., Ратушенко Г. П., Раҳмонов А. А., Сатторов А., Сатторов А. Қ., Сатторов И. Т., Тоҳиров Ф. Т., Усмонов З. Ҷ., Усмонов Н. У., Файзиев А. Р., Холиқов Ҷ. Х., Худоёров Б., Ҳикматов Қ., Ҳисориев Ҳ., Шабозов М., Шакурӣ М.

ISBN 978-99947-33-45-3
© Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2011

ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, ки ҷилди аввали он ба Шумо пешниҳод мегардад, боз як дастоварди илмиву фарҳангии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва нишони давлату давлатдории навини миллати соҳибтамаддун ва куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Мардуми мо хуб медонад, ки китоб дурри гаронбаҳо, раҳнамои некиву накӯкорӣ, аниси умум, хуллас ганҷинаи беинтиҳои маънавӣ буда, ҳамчунон як рукни муҳими тамаддуни башарӣ ва ҷузъи ҷудоинопазири зиндагии инсон,



аз ҷумла миллати тоҷикро ташкил медиҳад. Китоб бузургтарин мӯъҷизоти олам аст, ки ба одам ғизои маънавӣ мебахшад ва ба ин маънӣ, манбаи нури маънавияти инсон мебошад.

Таърихи миллати мо гувоҳ аст, ки муборизаҳои қаҳрамонона ва талошҳои фидокоронаи гузаштагони хирадмандамон барои ҳифзи забон ва фарҳанги худ, инчунин кашфиёту шоҳкориҳои беназири илму фарҳанг аз як насл ба насли дигар маҳз ба тавассути китоб то замони мо расидаанд. Барои миллати фарҳангпарвар ва соҳибтамаддуни мо дар тӯли таърих китоб барои поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ ва бақои минбаъда ёфтани он, таҳкиму тақвият пайдо кардани истиқлоли миллӣ, ҳувияту худшиносӣ ва пеш аз ҳама ҳастии халқи тоҷик ҳамчун шиносномаи миллат хизмати беназирро анҷом додааст. Аз ин ҷост, ки ҷаҳониён тоҷиконро ҳамчун мардуми китобдору китобдӯст, фарҳангпарвару фарҳангофар ва соҳибмаърифату мутамаддин эътироф кардаанд.

Нахусткитоби халқи мо Авесто дар давоми ҳазорсолаҳо ҳамчун махзани беназири хирад ва мояи ифтихори мардуми мутамаддини ҷаҳон низ дониста шудааст. Яъне, ҳанӯз аз давраҳое, ки хат пайдо шудааст, мардуми мо ба таълифу тасниф, ҷамъоваривву ба низоми муайян даровардани офаридаҳои адабиву таърихӣ, тиббиву фалсафӣ, ҳандасиву риёзӣ машғул будааст ва ин

амал аз анъаноти фарзии онҳо ба ҳисоб мерафтааст. Ҳанӯз дар асри X фарзанди фарзонаи халқи тоҷик, пири ҳакимони Машриқзамин – Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино китоби «Донишнома»-ро ба забони тоҷикӣ навишт, ки хусусияту моҳияти энсиклопедӣ дошт. Минбаъд иқдоми Ибни Сино аз ҷониби дигар донишмандону муҳаққиқон идома ёфта, як силсила асарҳои илмии ҷомеъ ба вуҷуд оварда шуданд, ки аз ин радиф китобҳои Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммади Форобӣ, Насируддини Тусӣ, Ҳаким Майсариро метавон номбар кард.

Минбаъд дар асри XX китобҳои энсиклопедие ба вуҷуд омаданд, ки тамоми ҷузъиёти як фан ё як давраи муайяни таърихиро фаро мегирифтанд. Дар кишвари мо низ якчанд энсиклопедиҳои универсалӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла «Энсиклопедияи Советии Тоҷик», «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», «Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» ва «Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ» нашр гардиданд. Дар даврони истиқлолият аз ҷониби як гурӯҳ олимони тоҷик «Донишномаи Рӯдакӣ» ва «Донишномаи Сомониён» таълиф гардиданд, ки аввалӣ ба рӯзгору осори Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дувумӣ ба даврони тиллоии таърихи тоҷикон, яъне аҳди Сомониён бахшида шудааст, ки барои худогоҳӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми тоҷик аҳамияти бузурги илмӣ доранд.

Боиси хушҳолист, ки дар остонаи бистумин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон китоби мӯътабар ва мӯътамади «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» дастраси хонандагон гардид ва он доир ба гузаштаи кишварамон, таърихи давлатдории навини миллиамон, аз ҷумла дигаргуниҳои бисёри сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву таърихӣ ва таҳаввулоти илмиву фарҳангии дар бист соли охир бавуҷудомада маълумот медиҳад.

Албатта, таълифу таснифи маводи илмию оммавӣ дар шакли энсиклопедӣ кори ниҳоят душвор, вале пурифтихор мебошад. Аз ин рӯ, ба муаллифону муҳаррирон ва ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи ин китоби бунёдии миллиамон саҳмдоранд, комёбиву барори корҳои эҷодӣ орзу менамоям.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон  Эмомалӣ Раҳмон

МУҚАДДИМА

Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои рӯи дунёянд, ки дар масири таърихи башарӣ бо ақлу тафаккури хеш, бо заковату истеъдоди баландпояи худ тамаддуни фарҳангии бой ва ибратомӯзеро ба вуҷуд овардаанд.

Ҷамъ овардану ба низоми муайян даровардани осори илмӣ, таърихӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва фалсафию эътиқодӣ-мазҳабӣ аз даврони қадим, аз ибтидои шукуфоии тамаддуни ориёӣ, аз замони тадвину таълиф шудани китоби муқаддаси қавмҳои ориёитабор – Авесто то ин дам анъанаи фарзист, ки инсоният новобаста аз ирқу нажоду миллат аз он баҳра мебарад. Ба риштаи таҳрир кашида шудани асарҳои энсиклопедӣ барои мардуми тоҷику форс падидаи нав нест ва асарҳои энсиклопедияшабеҳе чун «Бундаҳиш», «Динкард», «Ал-Қонун», «Донишномаи Улоӣ», «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун», «Таърихи Табарӣ», «Сивон-ул-ҳикмат», «Ал-Феҳрист», «Аҷоиб-ул-булдон», «Сурат-ул-арз» ва тазкираву баёзҳои сершумор намунаҳои китобҳои энсиклопедиямонанди қадиманд. Мафҳуми энсиклопедия ҳамчун маҷмӯаи донишҳо, маълумоту иттилоот дар дунёи қадим пайдо шуда бошад ҳам, асосан дар даврои дуюми тамаддун – аз оғози асрҳои миёнаву давраи Эҳё таълифи энсиклопедияи дақиқ бо мақолаҳои мураттаби алифбоӣ оғоз гардид ва аз ин дам аҳли илму маърифат ва фарҳанг ба ин махзани бебаҳои илму фарҳанг бештар таваҷҷӯҳ намуданд. Энсиклопедияҳои «Ларусс» (Франсия, 10 ҷилд), «Эспос» (Испания, 70 ҷилд), «Италяна» (Италия, 36 ҷилд), «Британика» (Англия, 24 ҷилд), «Макропедия» (Англия, 20 ҷилд), «Американа» (ШМА, 16 ва 30 ҷилд), «Энциклопедия Брокгауза» (Германия, 20 ҷилд), «Большая Советская Энциклопедия» (СССР, 65, 50 ва 30 ҷилд, 3 нашр) аз нахустэнсиклопедияҳои мукаммали дунёянд, ки дигар энсиклопедияҳои хурду бузурги давлату халқият ва маҳалҳои алоҳида ба асоси таҷрибаи ин энсиклопедияҳо тадвину сохта шудаанд.

Чун китобҳои энсиклопедиявӣ тамоми соҳаҳо ва ҷузъитарин ҷанбаҳои зиндагиро дар бар мегиранд, мавриди ниёзи ҳамешагии мардум буда, ба ҳар муносибату зарурат аз онҳо истифода бурда мешавад. Ҳамчунин барои огоҳии комил доштан аз таърихи воқеии гузаштаи миллат, хабардор будан аз сарнавишти пуршебу фарози халқи хеш, ошноии бештар пайдо кардан бо мероси бойи фарҳангӣ ва расму ойини пешгузаштагон, воқиф гардидан аз кору пайкор ва зиндагиномаи фарзонафарзандҳои миллати худ энсиклопедияҳои бисёрҷилда навишта мешаванд. Дар давлатҳои мутамаддини дунявии мустақилиродату комилиқтисод энсиклопедияҳои миллӣ-универсалӣ дар баробари Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аломати истиқлол, ғановати маънавӣ, иқтидор ва истиқрори мамлакат мебошанд.

Бинобар ин бо Фармони Президенти Тоҷикистон дар давлати соҳибистиқлол, куҳанфарҳанг, мутамаддин, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди мо низ ба таҳияу тадвини энсиклопедияи миллии бисёрҷилда пардохта шуд, зеро дар китобҳои энсиклопедӣ таърихи кишвар, илм, иқтисодиёт, хоҷагии деҳот, маданият, адабиёту санъат, урфу одат, маросимҳо, ҳаёту фаъолияти шахсиятҳои бузург, ходимони маъруфи ҷамъият, намояндагони мумтози илму маърифат, адибон, ҳунармандон ва санъатварони маъруф дарҷ хоҳанд шуд. Дар айни замон дар саҳифаҳои «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» бахше аз матолиб оид ба таърихи ҷаҳон, муҳимтарин дастовардҳои илму техника ва фарҳанги ҷаҳонӣ, ҳаёт ва кору пайкори нобиғагони ҷаҳонӣ, ки аз ҷиҳате ба ҳаёти миллати мо иртибот доранд ва ё ибратомӯзанд, сабт хоҳад гардид. Зеро «таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ як халқ наметавонад бидуни баҳравар шудан аз тамаддуни муштараки миллатҳову қавмҳои ҳамҷавор ба сари худ миллати тавонову бофарҳанг созад ва дар тӯли ҳазорсолаҳо бобақову поянда монда тавонад»[1].

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён, Д., 2009, саҳ. 8.

Роҳи пешгирифтаи кишвари мо, ки тарафдори сиёсати эътироф ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, дахолат накардан ба истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои ғайр, рушду тавсеаи ҳамкориҳо ва робитаҳои манфиатбахши дутарафа бо мамлакатҳои дунёст, ҳамеша аз арзишҳои милливу фарҳангии тоҷикон дар тамоми сатҳҳо ва арсаҳо пуштибонӣ мекунад.

Калима-истилоҳоти эзоҳталаби забони тоҷикӣ ва калимаю истилоҳоти вобаста ба фарогирии доираи мавзуоти умумӣ-универсалӣ хеле бисёранд, вале «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» танҳо маъмултарин истилоҳотро мавриди шарҳу тафсири дақиқ ва мухтасар қарор додааст. Дар раванди таҳриру тадвини мақолаҳо хатоҳои маъмулу омии дар давоми солҳои гузашта баанъанадаромада ба шакли дуруст ислоҳ шуданд, то ки минбаъд бо истинод ба энсиклопедия саҳеҳ талаффуз ва навишта шаванд; Мӯсӣ – Мусо, Исӣ – Исо, тақвӣ – тақво (ба истиснои назм), авф – афв, афродҳо – афрод, ашхосон – ашхос, ашъорҳо – ашъор, маводҳо – мавод, волоият – воло, зарурият – зарурат, лозимӣ – лозима, иҷроиш – иҷро, Қувайт – Кувайт, Абудабӣ – Абузабӣ, аввало – аввалан, содда – сода, оддӣ – одӣ, фавқулодда – фавқулода, шоҳигарӣ – шоҳӣ ва ғ.

Ё худ, масалан калимаи **инобат**, ки маънои **зорӣ**, **пушаймонӣ** ва **тавба**ро дошта, солиёни дароз ба маънои калимаи **эътибор** истифода мегардид, дар китоб ба маънои аслии хеш истифода шуда, дар маънои **эътибор** корбурд нагардид. Дар тадвину таҳияи матни мақолоти китоб талаботу нукоти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Имлои забони тоҷикӣ риоя гардидаанд.

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик аз ибтидои оғози кори китоби бисёрҷилдаи «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» ба муассисаҳои илмӣ, идораҳои давлатӣ, донишгоҳ ва донишкадаҳои олӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, мутахассисони алоҳидаи тамоми соҳаҳои илму фарҳанг ва ҳатто пажӯҳишгоҳҳои хориҷию мутахассисини ҷудогонаи бурунмарзӣ бо Лоиҳаи луғатномаи нашри мазкур муроҷиат намуда, онҳоро ба ҳамкорӣ ва мадад даъват карда буд, ки дар натиҷа Луғатнома мавриди муҳокимаи васеи аҳли ҷамъият қарор гирифта то андозае такмил ёфт. Таҷрибаи нашр шудани 8 ҷилди Энсиклопедияи Советии Тоҷик мабнӣ бар тақризу нақдҳои фаровони дар васоити ахбори омма батабърасида собит намуд, ки дар аксари эродҳои мутахассисон ва хонандагони одӣ ба ҷой дода шудани шахсиятҳо дар китоб сухан мерафт. Ба хотири минбаъд ҷилавгирӣ кардан аз чунин эродҳо дар Энсиклопедияи Миллии Тоҷик Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 439 аз 2 сент. с. 2010) «Дар бораи меъёрҳои ворид намудани шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ва муосир ба «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» ба тасвиб расид, ки Сарредаксия тибқи он амал менамояд.

Вобаста ба татбиқи технологияи навтарини саҳифабандию ороиши китоб ва дарназардошти сифати чопи китоб аз аксҳо ва расмҳои аксаран сиёҳу сафеди кӯҳнашуда, ки барқарор карданашон ғайриимкон буд, сарфи назар гардид. Ҳамчунин расми шахсиятҳое, ки бо вуҷуди исрори кормандони Сарредаксия акси худро пешниҳод накарданд, аз ҷилди аввал берун монданд. Ҳаҷми мақолаҳо вобаста ба мавқею манзалати мавзӯи пешниҳодшуда, муҳимияти он ва таклифи муаллифон бо мадди назар гирифтани маълумоти иловагӣ барои муҳаққиқони оянда муайян ва таъйин гардидааст.

Аксари мақолаҳои энсиклопедиро вобаста ба тахассусҳои гуногун олимони маъруф навиштаанд. Тамоми мақолаҳои ҷилди аввали ЭМТ-ро олимон-мутахассисони ҷудогонаи соҳаҳои гуногуни илм, аъзои Шӯрои илмию таҳририи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда хондаву маъқул дониста, ба чоп тавсия намудаанд.

Ҷилди аввали китоб ҷанбаи илмию оммавӣ дошта нахустэнсиклопедияи миллист, ки барои оммаи васеи хонандагон нашр мешавад ва аз ил ҷиҳад шояд иштибоҳ дошта бошад. Бинобар ин, аз хонандагони мӯҳтарам самиман хоҳишмандем андешаву пешниҳодҳои худро дар бораи ҷилдҳои ЭМТ ба нишонии зерин ирсол намоянд: 734018, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев 17, факс (992 37) 233 35 70, E-mail: *TajikEncyclopedia@gmail.com* ва *Tajik_Encyclopedia@mail.tj*

Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик

ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ЭНСИКЛОПЕДИЯ

Дар «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» мақолаҳо бо тартиби алифбо ҷой гирифтаанд. Агар номи мақола аз ду ё аз ин ҳам бисёртар калима таркиб ёфта бошад, тартиби алифбоии дохилии ин гуна ибора ё номҳо аз рӯи калима ва ҳарфҳои минбаъда муайян мегардад: **АБДИИ ГУНОБОДӢ, АБДИИ ЗОМИНӢ, АБДИИ ИСФАҲОНӢ, АБДИИ КОБУЛӢ,** ё мақолаи **АСПИРАТСИЯ** баъди мақолаи **АСП** меояд.

Модда ё истилоҳи асосии энсиклопедӣ (яъне номи мақола) бо ҳуруфи сиёҳи рост навишта шуда, бо мақсади дуруст талаффуз кардани он бар болои ҳиҷои матлуб аломати зада (ˊ) гузошта шудааст.

Дар мақолаҳои тарҷумаиҳолии энсиклопедия насаб ҳамчун моддаи асосӣ бо ҳуруфи сиёҳи рост, вале ном, номи падар бо ҳуруфоти муқаррарӣ меояд: **АБДОЛОВ** Назарбек, **АБДУВАЛИЕВА** Мавҷуда Мӯъминовна.

Дар шакли навишти ҳозира ному насаб ҳарду бо ҳуруфи сиёҳи рост навишта мешаванд: **АБДУҒАФФОРИ АБДУҶАББОР, АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ** ва ҳамин тартиб дар навишти номҳои мақолаҳои шарҳиҳолии ниёгонамон риоя шудааст: **АБДУЛАЗИЗ МАХДУМ, АБДУЛАЗИЗИ МАРОҒАӢ, АБДУЛМАЛИКИ ҶУВАЙНӢ, АБУЮСУФ ЯЪҚУБИ АНСОРӢ.** Агар шахс бо номи худ, тахаллус ё лақабаш шӯҳрат дошта бошад, бо ҳамин номи маъруфаш ҷой дода шудааст: **АБАЙ, АБДУЛВОСЕЪ, ЛОҲУТӢ, РӮДАКӢ, ҶОМӢ**. Шахсоне, ки бо номи таркибӣ шӯҳрат доранд (мисли Ҷек Лондон), он ҳиссаи таркибии ном, ки ба падарашон мутааллиқ аст, дар ҷойи аввал ва исми худашон дар ҷойи дуюм гузошта шуд. Чунончӣ: **ЛОНДОН** Ҷек, **БОДЛЕР** Шарл ва ғайра.

Дар мақолаҳои тарҷумаиҳолӣ баъди ном, номи падар, куния, тахаллус дар қавсайн рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд (агар маълум бошанд) дода мешаванд: **АБДУЛАЗИЗИ МАХСУМ** (с. тав. ва ваф. номаълум), **АБДУЛАҲАДХОН** (16. 3. 1859, Кармина – 6. 1. 1911, ҳамон ҷо), **АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ** Бадеъуззамон ибни Абдуҷомеъ ибни Рабеи Ғарҷистонӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1160), **АБДУЛҒАФФОР МАХДУМИ БУЛБУЛ** мутахаллис ба Фавҷӣ (1879, Хуҷанд – 1979, ҳамон ҷо). Ҷое, ки маҳали таваллуд ё вафот, ё санаи таваллуд ё вафот нишон дода нашудааст, яқин аст, ки муаллиф чунин маълумотро аз маъхазҳо пайдо накардааст.

Олимону ҳакимони маъруфи Юнони Қадим, бо ҳамон номе, ки дар адабиёти араб ва форс-тоҷик маъмулан дучор меоянд, сабт гардида, номи аслиашон дар қавсайн дода мешавад: **АФЛОТУН** (Платон), **БАТЛИМУС** (Птолемей), **БУҚРОТ** (Гиппократ). Вале агар чунин уламо дар байни халқ бо номи арабиашон чандон маъруфият надошта бошанд, бо номи аслии юнониашон сабт гардида, шакли муаррабаш дар қавсайн ҷой дода мешавад: **ПИФАГОР** (Файсоғурис), **АРХИМЕД** (Арашмидус).

Шоирону нависандагон, адибон, аҳли илму фарҳанги чӣ муосир ва чӣ гузашта бо тахаллус, исми адабие, ки интихоб кардаанд, ё ба ҳамон ном машҳуранд, ҷой дода шудаанд: **ЛОИҚ** Шералӣ, **БАҲРОМ ФИРӮЗ, РАҲИМ ҶАЛИЛ, ИКРОМӢ** Ҷалол, **АНОРА** Остонова.

Баъд аз тахаллус, исми адабӣ ё насаб, ном ва номи падари ашхос дар шакли ҳуҷҷатӣ (шиносномавиаш) дода мешаванд.

Калимаҳое, ки пас аз номи бо ҳарфҳои сиёҳ нависташудаи мақола бо яккаҳарфҳо (ҳарфҳои байнашон фосиладор) омадаанд, муродиф ё таъбири дигари ҳамон ном ё ибораанд: **АБАТ,** биотон, дифос; **АНОР**, нор, румон**; АБОЗИЯ**, ибозия; **АСАЛ,** ангубин**,** шаҳд. Яккаҳарфӣ барои нишон додани мансубияти ин истилоҳ ё мафҳум ба ягон соҳаи илм ё ҳунар низ ба кор бурда мешавад: **АББРЕВИАТУРА** дар мусиқӣ, **АБЛЯТСИЯ,** 1) дар техника, **АҲД**, дар ҳуқуқ ва ғайра.

Номи ашхоси алоҳида, инчунин номи дар забони илмӣ маъмули ҳайвонот, растанӣ, бемориҳо, элементҳо, моддаҳои химиявӣ, истилоҳоти соҳаҳои илмҳои дақиқ ва ғайра, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, дар баробари алифбои имрӯза бо ҳуруфи лотинӣ низ навишта мешаванд: **ААЛТОНЕН** (Aaltonen), **АББАНЯНО** (Abagnano), **АБЛЯТСИЯ** (лот. ablatio). Номи мақолаҳое, ки аз дигар забонҳо гирифта шудаанд, дар қавсайн мухтасаран шарҳ дода мешавад: **АББАТ** (лот. abbas, юн. abba, оромӣ abo – падар), **АББРЕВИАТУРА** (итал. abbreviatura – кӯтоҳ кардан, ихтисор кардан; аз лот. abbrevio – кӯтоҳ мекунам).

Санаҳо маъмулан бо солшумории милодӣ (тақвими григорианӣ) меоянд. Санаҳои пеш аз соли 1917 мутобиқан ба санаи нав гардонда шудаанд, ки аз тақвими кӯҳна 13 рӯз фарқ доранд. Солшумории пеш аз милод мувофиқи тартиби худ – аз беш ба кам (то духазораи мо) бо иловаи ихтисораи **то м**., солшумории милодӣ бо ихтисораи **м**. дода шуда, солшумории ҳиҷрӣ вобаста ба мавриди зарурататаш ё бетағйир гузошта шуда ва ё ба солшумории милодӣ баргардонда шудааст. Солшумории ҳиҷрии шамсӣ ва ҳиҷрии қамарӣ бештар дар феҳристи мақолаҳо (соли нашри китоб) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Агар мавзӯи мақола доманадор бошад, ба хотири он ки хонанда дар бораи ин мавзӯъ маълумоти мукаммалтаре пайдо карда тавонад, дар энсиклопедия усули *ҳаволаҳо* татбиқ шудааст. Яъне, номи мақолае, ки ба ҳамин мавзӯи мавриди назар иртиботи мустақим дорад ва ё онро пурра мекунад, бо ҳарфҳои дастнавис (курсив) дар дохили мақола ишора мешавад ва хонанда онро аз ҳамин ҷилд ва ё ҷилдҳои дигар (вобаста ба тартиби алифбо) пайдо карда метавонад.

Бузургиҳои физикӣ ва воҳидҳои онҳо дар ЭМТ мувофиқ ба Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ) оварда шудаанд. Воҳидҳои ғайрисистемавие (мас., мм, мкм, га, л, г/см^3, шабонарӯз, ^{0}С, А, эВ; ккал ва ғ.), ки дар соҳаҳои алоҳидаи илм маъмуланд, истифода мешаванд. Воҳиди басомад, ки пештар бо Гц (Hz) ишора мегардид, акнун мувофиқи имлои ҳозираи забони тоҷикӣ ба тариқи Ҳс ишора шудааст. Воҳиди ғайрисистемавии вақт-соат ихтисор нашуда, пурра навишта мешавад.

Азбаски мақолаҳои энсиклопедӣ то ҳади имкон мухтасару муҷазанд, дар охири аксари мақолаҳои асосӣ барои хонанда феҳристи адабиёт дода мешавад. Дар зери мақола ишораи **Ос.** асарҳои худи шахсанд ва ишораи **Ад.** адабиёти дигари ба ҳамин мавзӯъ бахшидашударо дар бар мегирад.

Дар энсиклопедия теъдоди бисёри калима ва ибораҳое, ки фаровон истифода мешаванд, дар шакли мухтасар меоянд, то ки ҷой сарфа шуда, маълумоти бештаре ҷой дода шавад. Рӯихати ихтисораҳо (калимаву ибораҳои мухтасар), ки барои нашри ҳамаи ҷилдҳои «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» манзур ва қабул шудаанд, дар охири китоб дарҷ гардидааст.

Ҳамчунин дар дохили ҳар як мақола, агар номи он мақола, ки бо ҳуруфи сиёҳи рост чоп шудааст, такрор шавад, дар шакли мухтасар (ҳарфи нахустини он калима ё калимаҳои асосӣ) ишора мегардад. Масалан, дар мақолаи **АБАЙ** мухтасари он бо А. ва дар мақолаи **АББОС БАҲОДУР** мухтасари он ба А. Б. ишора мешавад. Агар номи мақола – моддаи энсиклопедӣ аз ду калима зиёдтар бошад, он гоҳ танҳо ҳарфи аввали калимаи якум ишора мешавад: **АБДУРАҲМОНИ ТАНБӮРИИ САМАРҚАНДӢ** – танҳо бо А., «**АБКОР-УЛ-АФКОР ФИ РАСОИЛ ВА-Л-АШЪОР**» фақат бо «А.» ишора мешаванд.

А

А, ҳарфи якуми алифбои тоҷикӣ (аз с. 1940). Ҳарфи А дар алифбоҳои гуногуни кишварҳои Европоӣ ва шарқӣ ҳарфи финиқии алиф аст, ки он, зоҳиран, аз аломати идеографии тасвири сари гов пайдо шудааст. Маънои калимаи финиқии алиф «гов» мебошад. Дар Европа ин ҳарф ба воситаи алифбоҳои юнонӣ ва этрусию лотинӣ, дар Шарқ ба воситаи алифбоҳои суриёнӣ ва оромӣ маъмул гашт ва шаклҳои гуногун гирифт. Номи ҳарфи А. дар ибронии қадим «алиф», юнонӣ «алфа» (эҳтимол шакли таҳрифшудаи «алиф» бошад), славянӣ «азъ» («ман»), русию тоҷикӣ «а» мебошад. А. дар забони тоҷикӣ овози пасизабонии ғайрилабии кушодаро ифода мекунад. Шакли навишти чопиаш А а, дастнависаш *А а*. Дар алифбои лотинии маъмул дар забони тоҷикӣ (1929 – 39) низ ҳамин шаклҳоро дошт. Овози «а» дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ (маъмул аз а. 8 то с. 1929) дар аввали калима бо алиф (ابر – абр), айн (عقل – ақл), дар охири калима бо ҳои ҳавваз (شانه – шона), дар мобайни калима бо аломати фатҳа ё забар (برادر – бародар) ифода мешуд. Ҳарфи А-и калон ва а-и хурд дар матнҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳо барои ҷудо кардани қисмҳо, бобҳо, фаслҳо, моддаҳо ва ғ., инчунин дар муассисаҳои таълимӣ барои ҷудо кардани синфҳо, гурӯҳҳо ва ғ. истифода мешавад.

А…АН… (пеш аз садонокҳо), пешвандест, ки ба решаи калима ҳамроҳ карда мешавад ва ба ин васила калима маънои инкорӣ мегирад. Ин пешванд мансуб ба забонҳои ҳиндуевропоӣ аст ва аз рӯи вазифа ба пешвандҳои калимасози на-, но-, бе- баробар мебошад. Калимаҳои зиёде дар забонҳои эронӣ – авестоӣ, форсии қадим, форсии миёна (паҳлавӣ) вомехӯранд, ки дар тар-

кибашон ҳамин пешвандро доранд, мас.: akarta – насохта, накарда, abarami – набурдан; akarana(h) – беканор, анерон – ғайриэрон, ғайриэронӣ anahita – ноолуда, adatih – бедодӣ, anhastih – нестӣ, анӯша – бемарг, безавол ва ғ. Дар забони тоҷикии муосир ин навъ калимаҳо ба таври нодир мавриди истифода карор гирифтаанд: асағда – осӯхта – носӯхта, нимсӯз; апеша – бекор, бепеша ва ғ. Бо чунин маъниву вазифа дар забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосие (асосан аз забони юнонӣ) вомехӯранд, ки дар таркибашон а-, ан- доранд: аморфӣ – бешаклӣ; авитаминоз – нарасидани витамин; анемия – камхунӣ; асимметрия – ғайримутавозӣ ва ғ.

А́АЛТОНЕН (Aaltonen) Вяйжё Валдемар (13. 8. 1894, Мартилла – 30. 5. 1966, Хелсинки), ҳайкалтароши финландӣ. Асарҳои машҳураш: портретҳои психологӣ (Я. Сибелус, мармар, 1935, дар хона-музеяш), пайкараҳо («Духтарон», хоро, 1917 – 41), муҷассамаҳо (А. Киви, биринҷӣ, 1932 – 34, Хелсинки), монументҳо («Дӯстӣ», биринҷӣ, 1952, «Осоиш», хоро, 1950 – 52, Лахтида). Ҳамчун рассом ва устои медалсоз низ машҳур аст. Дорандаи Медали Тиллоии Сулҳ (1953).

А́АРНЕ Анти Аматус (5. 12. 1867, Бёрнеборг – 5. 2. 1925), фолклоршиноси финландӣ. Дар Донишгоҳи Санкт-Петербург таҳсил намудааст (1893 – 98). Пас аз хатми таҳсил ба Хелсинки омад ва дар Донишгоҳи Хелсинкӣ ба кор шурӯъ кард. Яке аз намояндагони мактаби таърихӣ-ҷуғрофӣ дар фолклоршиносӣ. Усулҳои техникии методи муқоисавиро таҳия ва асоснок карда, намунаҳои истифодаи онро нисбат ба афсонаҳо, чистонҳо, сурудҳо пешниҳод намуд. А. муаллифи китобҳои «Феҳристи анвои афсонаҳо» (1910), «Асосҳои омӯзиши муқоисавии афсонаҳо» (1913), «Шарҳи адабиёт оид ба афсонаҳо» (1914), «Омӯзиши муқоисавии чистонҳо» (ҷ-ҳои 1 – 3, 1918) ва ғ. мебошад. Дар асоси системаи кори А. олими рус Н. П. Андреев ва афсонашиноси америкоӣ С. Томпсон феҳристи афсонаҳоро тартиб додаанд. Фолклоршиносони тоҷик Б. Тилавов, Ҷ. Рабиев, Р. Раҳмонӣ ва дигарон дар асарҳои худ ба методи А. такя намудаанд. *Р. Раҳмонӣ.*

АБА́ЕВ Василий Иванович (3. 1. 1900 – 18. 3. 2001), филолог, мутахассиси гурӯҳи забонҳои эронӣ. Миллаташ осетин. Доктори фанҳои филология (1962), проф. (1969). Донишгоҳи давлатии Ленинградро хатм кардааст (1925). Аз с. 1945 то охири умраш ходими илмии Ин-ти забоншиносии АИ Россия буд. Бештар аз 270 асари ӯ доир ба назарияи этимология ва таърихи пажӯҳишҳои забоншиносӣ, забоншиносии эронӣ ва ҳиндуевропоӣ, оид ба масъалаҳои забоншиносии умумӣ ба табъ расидаанд. А. забонро дар робита ба таърих, ҳаёти иҷтимоӣ, маданият, ақоиди фалсафию динӣ ва урфу одати халқ тадқиқ кардааст. Ӯ Осиёи Марказиро нахустсарзамини мардуми ориёӣ шумурда, ҳампайвандии бевоситаи аланҳо ва диг. қавмҳои мардуми эронинажод ва скифҳоро нишон додааст А. мақолаҳои бунёдие дар бораи Зардушт («Ҳаёти маишии скифҳо ва ислоҳоти Зардушт») ва «Готҳо» («Устура ва таърих дар «Готҳо»-и Зардушт») нигоштааст. Дар таҳқиқоти дигари А. матнҳои Катибаи Бесутун тарҷума шуданд. Дар «Фарҳанги таърихию этимологии забони осетинӣ» (ҷ. 1 – 5, 1958 – 95) ном асараш ӯ таъриху этимологияи вожаҳои осетиниро дар заминаи маводи 190 забони дунё тадқиқ карда, робитаи забони осетиниро бо дигар забонҳо нишон додааст. А. муҳаққиқи фолклори осетинҳо (китоби «Забон ва фолклори осетинӣ», ҷ. 1, 1949), луғатшинос («Луғати русӣ-осетинӣ», нашри сеюм, 2000), адабиётшинос (мақолаҳо оид ба асосгузори адабиёти осетинӣ Коста Хетагуров) ва ғ. мебошад. Дар Конгресси XVI шарқшиносони Германия (Ҳалле, 1958), Конгресси XXV байналхалқии шарқшиносон (Москва, 1960) иштирок кардааст. Ходими хизматнишондодаи илми Осетияи Шимолӣ (1957) ва Гурҷистон (1980), нахустин барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Коста Хетагуров (1966), барандаи Мукофоти давлатии СССР (1981) буд.

Ад.: В. И. Абаеву 100 лет. Сборник статей по иранистике, общему языкознанию, европейским культурам, М., 2000; И с а е в М. И., В. И. Абаев, М., 2000.

АБА́Й Иброҳим Қунанбоев (10. 8. 1845 – 6. 7. 1904), шоир, нависанда, ходими ҷамъиятии қазоқ, асосгузори адабиёти хаттии қазоқ ва нахустин классики он. Аз оилаи ашрофи сарватманди қазоқ. Дар оила ӯро «Абай» ном мебурданд, ки маъноияш «ҳушёр», «зирак» мебошад. Маълумоти ибтидоиро дар хонавода ва аз муаллимони хусусӣ гирифтааст. Дар тарбияи маънавии ӯ нақши модаркалонаш Зарра хеле калон буд. А. аз ӯ шеърҳову достонҳои мардуми қазоқро омӯхт ва ҳазорҳо мисраъ азёд кард. Дар мадраса Имом Аҳмад Ризои Семипалатинск ва мактаби русӣ таҳсил кардааст. А. дар мадраса Қуръон, улуми динӣ, назми форс-тоҷик, арабӣ, туркиро омӯхт, бо осори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз,




Низомии Ганҷавӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Алишери Навоӣ шинос шуд. А. зулму тааддиеро, ки аз ҷониби феодалон ба сари мардуми қашшоқ бенаво меомад, мушоҳида мекард ва чун шахси адолатхоҳ доимо дар кӯшиши ҳимояву дастгирии онҳо буд. Дар синни 28-солагӣ ба тариқи худомӯзӣ ҷиддан ба омӯзиши забони русӣ машғул шуд. Донистани забони русӣ барои шинос гардидани ӯ бо осори Гёте, Байрон, Дарвин ва диг. мусоидат намуд. Эҷодиёти А. чун шоир ва нависанда аз се сарчашма – эҷодиёти даҳанакии халқ, назми оламгири Шарқ ва адабиёти русу европоӣ маншаъ гирифтааст. А. пеш аз ҳама оқини қазоқ буд; достонҳои ҳамосии қазоқро дар ҷамъомадҳо ба мардум нақл мекард ва ё бо навои мусиқӣ месароид. А. донандаи шеъру адаби Шарқ, аз ҷумла адабиёти форс-тоҷик буд. Вай арӯзро дар шеъри қазоқӣ татбиқ намуд ва шеърҳои ғазалмонанд, ба шаклҳои гуногун (шашмисраӣ – мусаддас, ҳаштмисраӣ – мусамман) эҷод кард. Умуман А. дар назми қазоқ 17 шакли нави шеърро ихтироъ кард. Достонҳои А. – «Масъуд», «Гуфтор дар бораи Азим» ва «Искандар» дар заминаи сужетҳои адабиёти классикии Шарқ офарида шуда, дар онҳо хираду дониш ва фазилатҳои инсон тараннум шудаанд. Дар достони «Искандар», ки ба асарҳои Низомиву Ҷомӣ ва Навоӣ ҳамоҳангӣ дорад, шоир ғоратгариҳои Искандари Мақдуниро маҳкум карда, дар симои Арасту хиради инсонро ситоиш кардааст. Ба қалами А. асари мансуре тааллуқ дорад, ки он дар қазоқӣ «Қара сӯз» («Каломи сиёҳ») ном гирифтааст. Ба забони тоҷикӣ ин асар бо номҳои – «Ақлия», «Пандҳо», «Панднома», «Андешаҳо» тарҷума ва муаррифӣ гардидааст. Дар «Панднома»-и А. таъсири «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ва «Гулистон»-и Саъдӣ ошкоро аён аст. А. баъзе масалҳои И. А. Крилов, шеърҳои М. Ю. Лермонтов, порчаҳои достони А. С. Пушкин «Евгений Онегин»-ро аз русӣ ба қазоқӣ тарҷума кардааст. Ҷараёни зиндагии А. дар романи нависандаи қазоқ, акад. М. Авезов «Абай» тасвир ёфтааст. Бо сарварии ҳамин нависанда «Куллиёт»-и А. дар ду ҷилд ба табъ расидааст (1957; 1977). Дар маҷмӯае бо номи «Нигоҳе ба зиндагӣ ва осори Абай – бунёдгузори адабиёти навини қазоқ» (Теҳрон, 1374/1996) зиёда аз 100 шеъри А. дар баргардони Фарзонаи Хуҷандӣ ва «Андешаҳо» (45 гуфтор) дар тарҷумаи Сафар Абдулло ба хатти форсӣ ҷоп дода шудаанд. Осори мансури А. бо номи «Панднома» (мутарҷим Фатҳуллоҳи Азиз) солҳои 2002 ва 2010 дар Душанбе ба табъ расидаанд. Дар Қазоқистон Бунёди байналмилалии Абай таъсис ёфтааст. Дар вил. Қараганда шаҳре ва дар Душанбе кӯчае ба номи А. мавҷуданд.

АБА́К (лот. abacus), а б а қ, асбоби арифметикиест аз чӯб ва мӯҳраҳои махсус, ба истилоҳ, нахустин «калкулятори чубин» дар ҷаҳон. А. чун асбоби муҳосибӣ дар тамоми кишварҳои қадим истифода мешуд ва то ҳанӯз дар кишварҳои Осиё, аз ҷумла дар Тоҷикистон бо номи «чӯт» баъзан истифода мешавад. Риёзидони асримиёнагии Италия Леонардо Пизанский, ки бо номи Фибоначчи маъруф аст (1170 – 1250), асаре бо номи «Китоби абак» низ таълиф намудааст.

А. Комилӣ.

АБАКА́Н, дарё дар кишвари Красноярски Федератсияи Россия, шохоби чапи д. Енисей. Дарозиаш 514 км; масоҳ. ҳавзааш 32 000 км^2. Дар поёнобаш дар як сония 400м^3 об ҷорӣ мешавад. Дар натиҷаи ба ҳамдигар ҳамроҳ шудани Абакани Хурд ва Абакани Калон, ки аз нишебиҳои шимолии Саяни Ғарбӣ ва кӯҳҳои Олтой сар мешаванд, ба вуҷуд меояд. Ба Обанбори Красноярск мерезад. Манбааш барфу борон. Аз ноябр то ох. апр. ях мебандад. Барои чӯбронӣ ва обёрӣ истифода мешавад. Дар соҳили А. шаҳри Абакан мавҷуд аст.

АБАКА́Н (1925 – 31, Хакасск), шаҳр дар Федератсияи Россия, пойтахти Ҷумҳурии Хакасия (аз 1992). Дар ҷанубӣ ғарбии Красноярск, дар қисми марказии ҳавзаи Минусинск, дар резишгоҳи д. Абакан ба д. Енисей воқеъ аст. Аҳолиаш 165,2 ҳаз. нафар (2009). Узели роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгард мебошад, аэропорт ва бандар дорад. Дар А. корхонаҳои вагонсозӣ, истеҳсоли кранҳои борбардор ва контейнерҳо, заводу фабрикаҳои саноати сабук, коркарди чӯб, хӯрокворӣ, истеҳсоли маводи сохтмон фаъолият мекунанд. Донишгоҳ, филиалҳои донишкадаҳои Красноярск, пажӯҳишгоҳи забон, таърих ва адабиёт, театрҳои драма (русӣ ва хакасӣ) ва лӯхтак, осорхонаи кишваршиносии ҷумҳуриявӣ дорад. Дар шаҳр боғи ҳайвонот ва дендрарий мавҷуд аст.



Майдони марказии Абакан.

АБАЛА́К (Ceratocarpus urticulosus), гиёҳест яксола, сершохубарг (аз 3 то 30 см қад мекашад). Баргу пояш аз серпашмакӣ хокистарранг метобад. Баргаш майда (дарозиаш 0,5 – 7 см; бараш 0,2 – 1 см), дурушт, дарозрӯя ё нештаршакл (баъзан риштамонанд). Гулаш майда, сабзтоб (бештар баҳорон мешукуфад). Меваash сегӯша, ба меваи ҷағҷаг монанд аст; дуто хори борики тез ё чангакмонанд дорад. А. асосан дар регзор, санглох, ҷойҳои сершибоғу шӯразори биёбон, канори роҳ, замини партов (мавзеъҳои воҳаи д. Сир, водии Вахш, Помири Ғарбӣ, қ-кӯҳҳои Туркистон ва Зарафшон; 350 – 1800 м баландтар аз с. б.) месабзад; абалакзор баъзан замини васеъро фаро мегирад. А. алафи бегонаи кишти ғалладона аст. А. гиёҳи шифоист. Табибони халқӣ ҷӯшоби баргашро барои нигоҳ доштани хуни бинӣ истифода мебаранд. А. хӯроки хуби чорвост. Онро баҳору тобистон аспу шутур ва моли майда нағз мехӯрад; гов намехӯрад. А. дар давраи мевабандиаш 2 – 9,5% протеин, 6 – 7% сафеда, 2% равған, 37 – 38% клетчатка ва 42 – 45% моддаҳои қиёмшавандаи бенитроген дорад.

Ад.: К о м а р о в Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967; Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1968. *М. Ҳоҷиматов.*

АБАРГА́Р (бо номи *Қалъаи Муг* ҳам маъруф аст), ёдгории археологӣ, боқимондаи истеҳкоми деҳқонони работ, ки бинои дуошёна буда, аз 5 хонаи дарозрӯяи гунбазӣ иборат будааст. А. ҳанӯз дар а. 8 м. обод будааст ва харобааш ҳоло 3 км дуртар аз деҳаи Хайрободи ноҳ. Айнӣ боқист.Ниг. низ *Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муг.*

Ад.: Б е н т о в и ч И. Б., Находки на горе Муг, «Тр. Таджикской археологической экспедиции», т. 2., М. – Л., 1958; Я к у б о в Ю., Археологические раскопки Гардани Хисор. «Изв. Отделения общественных наук АН Таджикской ССР», № 4, Д. 1966. *Ю. Ёқубов.*

АБАСА́ (ар. абаса – рӯ турш кардан), сураи 80-уми *Қуръон*. Дар Макка нозил шуда, аз 42 оят ва як рукӯъ иборат мебошад. Ба тартиби нузул сураи 17-ум аст. Номи А. аз ояти якум гирифта шудааст. Сабаби нузули онро чунин гуфтаанд: Абдуллоҳ ибни Умми Мактум (саҳоба) дар ҳоле наз-

ди Пайғамбар (с) омад, ки ӯ машғули даъвати бузургони Қурайш ба Ислом буд ва бехабар сухани Пайғамбарро (с) бурид. Ҳазрати пайғамбар (с) рӯ турш карда аз ӯ рӯ гардонид. Худо Пайғамбарашро (с) итоб кард (оятҳои 1 – 10). Мавзӯи оятҳои дигар чунин аст: Қуръон, инсон, офаринишу парвариши ӯ, ризқу рӯзии ӯ, фаро омадани сайҳа – дамидани сур, даҳшатҳои он рӯз, гурӯҳи растагор ва гурӯҳи гирифтор дар он рӯз. *М. Умаров.*

АБА́Т, биотион, дифос, як навъ моддаи химиявӣ. Аз кристаллҳои сафед иборат аст. Барои нобуд кардани кирминаи пашшаю магасҳо ва ҳашароти молхонаҳо, ҳамчунин аз кана, трипс ва диг. ҳашароти зараррасон ҳифз намудани зироат – лаблабуи қанд, сабзавот, растаниҳои ситрусӣ ва пахта истифода мегардад.

АБАШИ́ДЗЕ Григол Григоревич (1. 8. 1914, Чиатураи Гурҷистон –1994), шоир ва нависандаи гурҷӣ, акад. АИ РСС Гурҷистон (1979). Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1974). Котиби якуми Садорати ИН Гурҷистон (1967 – 81). Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Тбилисӣ (1936). Шеърҳояш аз с. 1934 чоп мешаванд. Асарҳои А. ба таърихи қадими Гурҷистон ва ҳаёти бунёдкоронаи имрӯзаи он бахшида шудаанд. Қаҳрамонҳои асарҳои ӯ («Ҳамеша дар либоси ҷангӣ», 1938; «Диди Свенски», 1939) меҳнаткашону родмардонанд. Маҳорати эҷодии А. хусусан дар с-ҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945) сайқал ёфт. («Душманон», «Мусобиқаи танкҳо», 1941; «Байраққо»; достони «Кавкази мағлубиятнопазир», 1943) ва ғ. А. барои асарҳои «Дар сарҳади ҷанубӣ» (1949) ва «Ленин дар Самгори» (1950), сазовори Мукофоти давлатии СССР гардидааст (1951). А. муаллифи достони драмавии «Қиссаи тифлисиҳои нахустин» (1959) ва «Саёҳат дар се айём» (1961), мақм. «Тоқи заррин» (1966) мебошад. Ӯ «Чӯҷачаи хурдӣ» (1943), «Парасту дар Рустави» (1950) барин асарҳои бачагона низ таълиф кардааст. А. яке аз муаллифони (ҳамроҳи А. В. Абашели) матни Суруди Миллии РСС Гурҷистон мебошад. Ба тоҷикӣ қариб 50 шеър ва як қатор ҳикояҳои ӯ тарҷума гардидаанд, ки «Ленин дар Самгорӣ», ҳикояи «Сабақи бераҳмӣ» аз ҳамин ҷумлаанд. Иштирокчии Рӯзҳои адабиёти шӯравӣ дар Тоҷикистон (1981).

Ос.: Избранная лирика, М., 1985.

АБАШИ́ДЗЕ Ираклий Виссарионович (23. 11. 1909, деҳаи Хони, губ. Кутаиси – 1992, Тбилиси), шоир ва ходими ҷамъиятии гурҷӣ, акад. АИ РСС Гурҷистон (1960). Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1979). Раиси Шӯрои Олии РСС Гурҷистон (1971). Раиси Садорати ИН Гурҷистон (1953 – 67), сармуҳаррири Энсиклопедияи Советии Гурҷистон буд. Шеърҳояш аз с. 1928 чоп шудаанд. Дар маҷмӯаҳои ӯ «Шеърҳо» (1932), «Шеърҳои нав» (1938), силсилаи шеърҳои «Сурудҳои даравгарон», «Гурия шукуфон аст», «Шаби шикорчиён» (1950 – 51) ва ғ. ҳаёти нав, ишқи Ватан, меҳнати фидокорона ва диловаронаи халқи эҷодкор тараннум шудааст. Дар мавзӯи ҶБВ (1941 – 45) ва корнамоии диловарони ҷанг шеърҳои «Капитан Бухаидзе», «Суруди марди маҷрӯҳ», «Ба хотираи Леселидзе» ва ғ.-ро офаридааст. Дар силсилаи шеърҳои «Бо пайраҳаҳои Руставелӣ» ва «Фаластин, Фаластин» (Мукофоти давлатии Гурҷистон ба номи Руставелӣ, 1966), «Ин сурудҳои Гурҷистони ман аст» (1971) зиндагии душвору мураккаб ва олами ботинии шоири бузурги гурҷӣ тасвир ёфтааст. Китобҳои «Қаробат» (1966), «Маҷмӯаи шеърҳо» (1982) аз хусуси мавқеи ҷамъиятии шоир, таърихи Гурҷистону халқи кишвар, дӯстии халқҳо ва сулҳ баҳс мекунанд. Шеърҳои А. ба забони халқҳои собиқ СССР ва хориҷӣ, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ (шеърҳои «Ба шоири Ҳинд», «Ба шоирони Шарқ», «Дӯстиро завол нест», «Се қалъа») чоп шудаанд.

Ос.: Избранные стихи, Тбилиси, 1984; Ба шоирони Шарқ, дар мақм. «Эътиқод», Д., 1982.

АББАНЯ́НО (Abbaqnano) Никола (15. 7. 1901 – 9. 9. 1990), файласуфи идеалист – экзистенсиалисти италиявӣ. Фалсафаро дар Донишгоҳи Неапол омӯхта дар донишгоҳҳои Салерно, (1923), Неапол (1926 – 35) ва Турин (1945 – 76) устод буд. Ӯ асосан намояндаи равияи экзистенсионализм дар фалсафа будааст. Ин равия як намуди идеализми субъективӣ буда, муддаист, ки мавриди таҳқиқи фалсафа фақат инсон аст ва он мабдаю маншаи ҳама чиз мебошад. А. ҳамчун асосгузори экзистенсионализми позитивӣ (равияи идеалистии фалсафа, ки донишро маҳсули илмҳои махсус шуморида, фалсафаро ҳамчун илм инкор мекунад), майл мекард, ки ғояҳои экзистенсионализми позитивиро бо неопозитивизм созиш диҳад. Ба ин асос А. кӯшиш кард, ки амсилаи мувофиқу муносиби экзистенсионализмро созад. Тибқи андешаи ӯ, фард доиман метавонад аз байни ҳар гуна имкониятҳо ҳамонеро интихоб кунад, ки асоси «вуҷудияти солим ва пойдор» дошта бошад. Лоиҳаи ҷараёни инкишофи ояндаро арзёбӣ карда А. муқобили капитализм бо волоияти фардияташ ва ҳам зидди сотсиализм бо коллективизмаш баромада, дар чанд андешӣ замонати озодии инсонро мебинад. А. муаллифи «Фарҳанги фалсафӣ» (1961) ва як идда таҳқиқоти илмӣ доир ба таърихи илм ва фалсафа аст.

АББА́Т (лот. abbas, юн. abba, оромӣ abo – падар), дар калисои католикӣ роҳбалад ва пири дайр, қисман соҳибваколати роҳибони насронӣ, падари рӯҳонӣ, устод ва пешвои диндорон дар ҷамъияти роҳибон. Салоҳияти А. аз рӯи низомномаву қавоиди дайрӣ, ки муаллифону мураттибонаш Василий Великий (а. 4) ва Бенедикт Нурсийский (ох. а. 5 ва авв. а. 6) буданд, муқаррар карда шудааст. Аз с. 530 ба А. ваколати якумра дода мешавад. А. дар иерархия (мартаба)-и калисоӣ баъд аз епископ ҷойи дуюмро ишғол мекард. Дар а.-ҳои 8 – 9 дар системаи сиёсии Европаи Ғарбӣ А. яке аз мансабҳои муҳим ва муфид ҳисоб меёфт. Арбоби давлатӣ ба роҳибону зоҳидон барои ҳар гуна хизмати шоиста унвони А.-ро медоданд. Баъд аз ислоҳоти папаи Рим Григорий VII (а. 11) А. аз тобеияти ҳокимияти императорӣ бароварда шуд. А., ки дайри католикиро сардорӣ мекунад, одатан, аз вилояти тобеъ ба епископ интихоб ва ҳамчун А. қиёсан номгузорӣ карда мешавад (лот. abbasnulius); гарчанде ӯ унвони епископӣ надошта бошад ҳам, доираи ҳуқуқи вай ба салоҳияти епископи епархиалӣ мутобиқат мекунад. Аббатзан дар рафти идоракунии дайри занона ҳамон вазифаҳоро иҷро мекунад, лекин аз ҳуқуқу мартабаи олии муқаддаси роҳибӣ маҳрум аст.

А́ББЕ Эрнст Карл (23. 1. 1840, Айзенах – 14. 1. 1905, Йена, Германия), физик ва астрономи немис, ихтироъкори дилатометри интерференсионӣ ва рефрактометр. А. дар Донишгоҳи Йена ба сифати дотсент (аз 1863) ва проф. (аз 1870) фаъолият намуда, дар корҳои илмӣ-амалии корхонаҳои оптикии Карл Сейс иштирок мекард. Соли 1872 назарияи пайдоиши тасвирро асосноқ карда, намудҳои гуногуни афзори оптикиро ихтироъ кардааст, ки дар бисёр расадхонаҳои ҷаҳон истифода гардидаанд. А. дар илми физика мафҳуми «апертураи ададӣ»-ро ворид кард, ки он алоқамандии апертураи ҳақиқии объективро бо нишондиҳандаи инкисори шиша ва дарозии мавҷи рӯшноӣ ифода мекунад. А. якчанд навъи шишаҳои опти-

киро сохтааст. А. с. 1870 расадхонаи Йенаро таъсис дода, солҳои 1877 – 90 сарвари он буд. Соли 1884 ҳамроҳи Сейс лабораторияи химиявии шишаро созмон дода, с. 1886 линзаҳои апохроматиро сохт, ки бо номи «конденсорҳои Аббе» машҳуранд. А. узви вобастаи АИ Берлин (1896), узви хориҷии АИ Австрия (1900), узви фахрии АИ Саксония (1901) буд. Бо ордени «Шоҳини сафед»-и Пруссия (дараҷаи I) сарфароз гардидааст.

АББО́С БАҲОДУ́Р (с. тав. номаълум – ваф. 1388), яке аз сипоҳсолорони машҳури амир *Темур*. А. Б. аз қабилаи *қипчоқ* буд ва ҳамин насабро ҳам дошт. Азбаски ӯ ба *тумон* (сипоҳе, ки аз даҳ ҳаз. нафар иборат аст) фармондеҳӣ мекард, лақаби «Баҳодур» гирифта буд. А. Б. дар ҷангҳои зидди хонҳои Муғулистон (1362 – 64); «*Ҷанги лой*» (1365); амалиёти ҳарбӣ алайҳи қиёми Сарбадорони Самарқанд (1365 – 66); забти Балх (1370); тасарруф ва қатли оми Хоразм (1386); фатҳи Ҳирот ва лашкаркашӣ ба Эрон (1386) ҳамчун сарфармондеҳи сипоҳи Темур бевосита иштирок кардааст. Соли 1388 дар муҳорибаи зидди Тӯхтамишхон дар мавзеи Чукалак (5 км шарқтари Утрор) ҳалок гардид.

АББО́С МИРЗО́ Ноибуссалтана ибни Фатҳалишоҳи Қоҷор (26. 8. 1789 – 25. 10. 1833), арбоби давлатии Эрон, писари Фатҳалишоҳи Қоҷор. Ҳанӯз дар давраи ҳукмронии падар фармонфармои Озарбойҷони Эрон буд ва усулан идораи тамоми Эронро дар ихтиёр дошт. Бо мадади коршиносони англису франсуз ба усули европоӣ дар қӯшунҳои Эрон ислоҳот ворид намуд; дар Табрез истеҳсоли силоҳ ва муҳимот ба роҳ монда шуд; тарҷумаи адабиёти низомии Ғарб ба форсӣ шурӯъ гардид. Барои ғалаба бар таассуботи ҳамватанонаш ин шоҳзода либоси низомии европавӣ мепӯшид ва дар тамринҳои ҳаррӯза ширкат мекард. Дар давраи ҷангҳои русу форс (1804 – 13 ва 1826 – 28) ва турку форс (1821 – 23) А. М. фармондеҳи кулл буд. А. М. марди ислоҳталаб, шуҷоъ, равшанфикр, худхоҳ ва мустабид буд.

АББО́СИ I (27. 1. 1571, Ҳирот – 19. 1. 1629, Мозандарон), шоҳи Эрон, аз сулолаи *Сафавиён*. Солҳои ҳукмрониаш – 1588 – 1629. А. I писари волии Хуросон Муҳаммад Мирзо буда, бо номи Шоҳ Аббоси Кабир низ машҳур буд. А. I аввал бо мадади қабоили устоҷлу ва шомилу с. 1581 дар Нишопур ҳокимиятро соҳиб шуда, худро шоҳи Хуросон эълон кард. Соли 1588 бо ёрии тоифаи қизилбошон вориди пойтахти давлати Сафавиҳо – Қазвин гардид ва падараш Муҳаммад Мирзоро сабукдӯш карда, худро шоҳи Эрон эълон кард. Дар ин муддат А. I се мушкили умдаи давлати Сафавиёнро ҳал намуд: аввал таҳдиди туркҳои Усмонӣ, дуюм хатари ӯзбекони шайбониро бартараф намуда, сеюм қудрати қизилбошонро тавсеа дод. Ибтидо бо Туркия ба муддате паймони дӯстӣ баст; сипас вил-ҳои Шероз, Кирмон, Гелон ва Хуррамободи Луристонро тасарруф намуд; с. 1598 ӯзбекони Хуросонро шикаст дода, Ҳиротро тобеи худ кард ва худи ҳамон сол пойтахти давлати Сафавиёнро аз Қазвин ба Исфаҳон кӯчонда, Бухоро, Хуросон ва Моварои Қафқозро ба итоати худ даровард. Дар андак муддат симои ш. Исфаҳон тағйир ёфт ва биноҳои таърихии асри сафавӣ – Майдони Шоҳ, масҷиди шайх Лутфуллоҳ, Масҷиди Шоҳ, Пули Оллоҳбердихон, Хиёбони Чаҳорбоғ, Кохи Оли Қому бунёд гардиданд. Минбаъд А. I барои ислоҳоти девонӣ, маъмурӣ ва низомӣ низ иқдом кард. Пас аз анҷоми ислоҳоти низомӣ А. I с. 1601 Табрез ва Шервонро аз туркҳои Усмонӣ озод намуд ва бо мадади флоти англис заминҳои ҷанубии Эрон ва Баҳрайн (1601 – 02), Қандаҳор (1621) ва Ҳурмузгонро (1622) аз португалиҳо бозпас гирифт. Соли 1623 Ирокро тасарруф намуд. Дар сиёсати худ А. I такя ба сарватмандон ва ашрофи турк мекард; тамоми умр муқобили феодалони саҳронишин ва саркаш мубориза бурд. Ислоҳоти молиётӣ ва пулии А. I низ натиҷаи хуб доданд. Ӯ барои ободонии кишвар аз асирони ҳарбии гурҷиҳо, арманиҳо, озариҳо, черкасиҳо, туркманҳо истифода бурд. Дар аҳди А. I роҳҳо, пулҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо ва бозорҳои сершуморе бунёд гардиданд, ки ба вазъи иқтисодӣ, тиҷорати дохиливу хориҷӣ ва муносиботи пулӣ таъсири мусбат расонданд. Ҳамчунин санъатҳои тасвирӣ, ороиши амалӣ, хаттотӣ, наққошӣ ва ҳунарҳои кошикорӣ, қолинбофӣ, нассоҷӣ, кулолӣ, шишагарию чинисозӣ низ хеле равнақ ёфтанд. А. I бо Англия, Португалия, Испания, Австрия, Голландия, Россия муносибатҳои хуби дипломатӣ барқарор кард. Вале бо вуҷуди ин дар даврони салтанати А. I дар саросари қаламраваш шӯришҳои халқӣ (Гелон, 1592, Ғарҷистон, 1624 ва ғ.) сар заданд, ки бераҳмона саркӯб шуданд.



Шоҳ Аббоси I.

АББО́СИ II (1633 – 1667, Қум), ҳафтумин подшоҳи *Сафавиён*. А. II дар синни 10-солагӣ ба тахти салтанати Эрон нишаст, вале давлатро амалан вазири донишманду коршинос Нақихон Эътимодуддавла идора мекард. Ин вазир кӯшиши ислоҳот кард, вале ба қатл расид. А. II аввалҳо зидди фисқу фуҷур, шаробхӯрӣ ва истеъмоли маводи мухаддир баромад, вале тадриҷан бо калонсолтар шудан худаш побанди шароратҳо ва ҳавасрониҳо гардид. Дар даврони салтанати А. II ш. Балх тасхир ва шӯриши мардумии Қандаҳор низ пахш карда шуд. Шоҳ А. II то андозае ҳомии табақаи камбизоати аҳолӣ ва мухолифи аъёну ашроф буд.

АББО́СИ III (тав. 1732 – 1740), ёздаҳумин ва охирин подшоҳи *Сафавиён*. Писари хурдсоли шоҳ Таҳмосби II. Ӯро сипаҳсолори пуркудрат Нодирқулибеки афшор с. 1726 баъди аз салтанат барканор намудани Таҳмосби II ба тахти салтанат нишонд ва худ то с. 1736 аз номи ӯ ҳукмронӣ кард. Соли 1376 Нодирқулӣ А. III-ро низ барканор намуда, худ ба тахти салтанати Эрон нишаст ва номи Ноибуссалтанаи Эронро гирифт. Соли 1740 А. III ҳамроҳи бародараш Исмоил ва падараш Таҳмосби II аввал дар Сабзавор маҳбус ва сипас қатл карда шуданд.

Ад.: Savory R. M. Safavid Persia. // The Cambridge History of Islam. – Cambridge, 1970: Таърихи Эрон. Давраи Сафавиён. Пажӯҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. Мутарҷим Яъқуб Ожанд, Т., 1380.

Л. Бойматов.

АББОСИЁН, банӣ Аббос, дуюмин силсилаи хилофати араб (749 – 1258). А. аз авлоди амаки Муҳаммад пайғамбар (с) – Аббос ибни Абдулмутталиб (ваф. 653) буданд. А. дар натиҷаи низои байни аҳли ташайуъ *Умавиён* ва муваффақиятҳои дар ин раванд ба дастовардаи шиъаён Умавиёнро сарнагун карда, соҳиби мас-

нади хилофат шуданд. А. бо паёмбар робитаи хешу таборӣ доштанд ва барои соҳиб шудан ба қудрат аҳли суннат ва ҷамоат ононро ҷонибдорӣ карданд. Созмони зиддиумавии А. махфӣ амал мекард ва марказаш дар Куфа қарор дошт. То с. 747 онро нафаре ба номи Букайр ибни Моҳон ва баъдҳо Абдусалом сарварӣ менамуданд. Азбаски аксари қувваҳои зиддиумавӣ дар Хуросон мутамарказ гардида буданд, он ба маркази асливу асосии наҳзати зиддиумавӣ табдил ёфта буд. *Абумуслими Хуросонӣ* (аз с. 743) роҳбари асосии наҳзат дар Хуросон шуд ва мардумро ба тарафдории А. таблиғ карда. Оқибат с. 749 А. ба қудрат расиданд. Аввалин халифаи А. Абулаббоси Саффоҳ буд. Дар ибтидои фаъолият андешаву афкори сиёсии А. чандон маълум набуданд, вале ба таври возеҳ ба муқобили туғёнҳои пайиҳами *Алавиён* муборизаи шадид мебурданд. Минбаъд ашрофи Эрон ва Осиёи Миёна пуштибони асосии А. гардиданд ва маркази хилофат аз Сурия ба Ироқ кӯчид. Шаҳри Бағдод, ки ба он халифа А. Мансур асос гузошта буд, пойтахти хилофати А. гардид. Хилофати А. дар даврони Мансур, Маҳдӣ, Ҳорунаррашид ва Маъмун ба авҷи камол расид. Хулафои аббосӣ аз замони хилофати Маъмун сар карда як силсила чорабиниҳои фарҳангиро ба амал бароварданд ва маркази илмию фарҳангии «Байт-ул-ҳикма» бо ташаббуси ӯ таъсис дода шуд. Дар он бештар олимони Эронӣ фаъолият доштанд ва тадқиқу таҳқиқи улуми замона ва тарҷумаи осори аҳди қадим ба роҳ монда шуд. Ҳамчунин барои таҳкими хилофати худ А. тавонистанд аз эътиқодот ва назароти гурӯҳҳои гуногуни аҳли ташайуъ, чун *ровандия*, *мӯътазила* ва амсоли инҳо ба фоидаи худ истифода намоянд. Чунончи с. 817 халифа Маъмун домоди худ имом Алӣ ибни Мусо – Ризо (ҳаштумин имоми исноашъариён)-ро валиаҳди хилофат таъйин кард ва ҳатто аз номи ӯ сикка зарб зад, ки ин иқдом боиси норозигии шадиди аҳли суннат дар Бағдод ва дигар шаҳрҳо гардида буд. Наҳзати Аббосӣ моҳиятан ҷунбиши ичтимоию сиёсие ба муқобили Умавиён буд, ки он инкишофи фарҳангиро низ ба дунбол дошт. Он амалан дар Хуросон оғоз шуд ва А. аз норозиёни хуросонӣ барои пирӯзии худ ва устувории ҳукуматашон истифода менамуданд. Дар аҳди А. зулми табақаи ашроф боз ҳам афзуд, ки боиси сар задани шӯришҳои халқӣ, аз қабили *Исёни Муқаннаъ*, *Исёни Бобак* ва амсоли инҳо гардид. Тадричан аз ибт. а. 9 хилофати А. рӯ ба таназзул ниҳода, раванди парокандашавӣ дар он оғоз ёфт; дар Эрон, Осиёи Миёна, Закавказия, Миср давлатдориҳои мустақил таъсис ёфтаанд, ки дар онҳо сулолаҳои маҳаллӣ (Тоҳириён, Саффориён, Тулуниён, Багратиён, Фотимиён ва диг.) ҳукмронӣ мекарданд. Силсилаи хулафои А. чунин аст: Абулаббоси Саффоҳ (750 – 754), Мансур (754 – 775), Маҳдӣ (775 – 785), Ҳодӣ (785 – 786), Ҳорунаррашид (786 – 809), Амин (809 – 813), Маъмун (813 – 833), Мӯътасим (833 – 842), Восиқ (842 – 847), Мутаваккил (847 – 861), Мунтансир (861 – 862), Мустаин (862 – 866), Муътаз (866 – 869), Муҳтадӣ (869 – 870), Муътамид (870 – 982), Муътадид (892 – 902), Муқтафӣ (902 – 908), Муқтадир (908 – 932), Қоҳир (932 – 934), Розӣ (934 – 940), Муттақӣ (940 – 944), Мустақфӣ (944 – 946), Мутеъ (946 – 974), Тойеъ (974 – 991), Қодир (991 – 1031), Қоим (1031 – 1075), Муқтадӣ (1075 – 1094), Мустазҳир (1094 – 1118), Мустаршид (1118 – 1135), Рашид (1135 – 1136), Муқтафеъ (1136 – 1160), Мустанҷид (1160 – 1170), Мустадеъ (1170 – 1180), Носир (1180 – 1225), Зоҳир (1225 – 1126), Мустансир (1226 – 1242), Мустаъсим (1242 – 1258).

Ад.: Бо л ь ш а к о в О. Г., Ал-Аббасийун. Ислам. Энциклопедический словарь, М., 1991; Б е л я е в Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат, М., 1965; Shaban M. A., The Abbasid revolution, Oxford, 1970; Lewis B., Abbasidsll El (2 publ). *Л. Бойматов.*

АББОСӢ Абдуллатиф ибни Абдуллоҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), адиби форсизабони Ҳиндустон (а. 17). Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нест. Аз ҷумлаи корҳое, ки А. ба сомон расонидааст, мураттаб сохтан ва муқаддима навиштан ба тазкираи Сӯфии Мозандаронӣ «Бутхона» мебошад. А. ба ин асар, ки танҳо аз намунаҳои ашъор иборат буд, шарҳи ҳоли шоиронро афзудааст.

АББОСӢ, аввалин сиккаҳои нуқрагини Сафавиён, ки дар даврони салтанати шоҳ *Аббоси* I дар Эрон зарб зада шуданд. Вазни як А. як мисқол ё 7,7г *нуқра* буд. Дар а. 18 А. муҳимтарин воҳиди пулӣ ба ҳисоб мерафт. Сиккаи чорякмисқолии нуқрагинро шоҳӣ меномиданд ва панҷоҳ А. як *туман* ном ва ҳазор *динор* арзиш дошт. Минбаъд сиккаҳои даврони сафавиён аз тилло, нуқра ва мис зарб зада мешуданд. А.-и аз *тилло* зарбшуда «шоҳаншоҳӣ» ё «ашрофӣ» ном дошт ва он бо фармони ҳар шоҳи нав ба тахтнишаста дар ҷашни Наврӯз зарб зада мешуд. А.-и нуқрагӣ дар сартосари давлатдории Сафавиён дар гардиш буд. Дар навоҳии Балх ва Мовароуннаҳр бештар сиккаҳои ниммисқолӣ, чорякмисқолӣ маъмул буданд. Баъзе сиккаҳои Сафавиён пас аз суқути ин давлатдорӣ дар Эрон ҳанӯз ҳам дар гардиш буданд.

АББОСӢ, ниг. *Бахмалгул.*

А́ББОТ Чарлз Грили (31. 5. 1872, Уилтон – 17. 12. 1973, Ривердейл, ШМА), астрофизики америкоӣ, мутахассиси физикаи Офтоб ва омӯзишу истифодаи энергияи офтобӣ. Хатмкардаи Донишкадаи технологии Массачусетс (1895). Солҳои 1907 – 44 директори расадхонаи астрофизикии Смитсонов, 1928 – 44 котиби Донишкадаи Смитсонов буд. Дар соҳаи радиатсияи Офтоб, физикаи Офтоб ва нурафкании ситораҳо тадқиқот бурдааст. А. қисми инфрасурхи спектри Офтобро таҳқиқ намуда, таърифи собитаи офтобиро додааст. Бо спектроболометр ва радиометри ихтироъкардааш тақсимоти энергияро дар спектри Офтоб таҳқиқ кардааст. Барои истифодаи энергияи гармии Офтоб асбобҳо сохтааст. Муаллифи китоби «Офтоб» аст, ки с. 1936 ба забони русӣ нашр шудааст. Дар натиҷаи мушоҳидаҳои тӯлонӣ вобастагии байни тағйирёбии афканишоти Офтоб ва боду ҳаворо дар Замин (1953) муайян намудааст. Ба шарафи А. дар Моҳ яке аз танӯраҳо номгузорӣ шудааст (танӯраи Аббот). А. узви АИ миллии ШМА дар Вашингтон буд (1915).

Ос.: Солнце, М. – Л., 1936.

Ад.: К о л ч и н с к и й И. Г., Корсунь А. А., Родригес М. Г., Астрономы. Биографический справочник, Киев, 1977. *М. Холов.*

АББРЕВИАТӮ́РА (итал. Abbreviatura – кӯтоҳ кардан, ихтисор; аз лот. Abbrevio – кӯтоҳ мекунам) д а р з а б о н ш и н о с ӣ, ниг. *Ихтисораҳо*.

АББРЕВИАТӮ́РА д а р м у с и қ ӣ, мухтасар нишон додани нотаҳо, хатҳои иловагӣ ва ибораю ҷумлаҳои мусиқӣ дар хати нотавӣ. А. ҳангоми якчанд бор такрор ёфтани як шакли усул гузошта мешавад. А. бештар ҳамчун муродифи аломатҳои сегно, репризa, фонус, волта ва мелизмҳо (форшлаг, группетто, мордент, морденти хаткашида, морденти дукарата, морденти дукаратаи хаткашида) истифода мешавад. *Ш. Ҳабибов.*

А́ББВЕР (нем. Abwehr), идораи разведка ва контрразведкаи Германия. Соли 1919 таъсис гардида, с. 1938 ба Раёсати разведка ва контрразведкаи Фармондеҳии олии Қувваҳои мусаллаҳи Германия табдил ёфт. Ба гирдоварии иттилооти махфии ҳарбӣ

дар давлатҳои хориҷӣ, тахрибкориҳо дар ақибгоҳи душман ва амсоли инҳо машғул буд, ҳамчунин контрразведкаи дохилию хориҷии мамлакатро танзиму идора мекард. А. с-ҳои 1935 – 44 дар бисёр мамлакатҳо шабакаҳои худро дошт. Аз тирамоҳи 1940 А. тамоми нерӯи худро тибқи нақшаи «Барбаросса» алайҳи Иттифоқи Советӣ равона карда буд. Февр. 1944 А. барҳам хӯрд ва вазифаи он ба ӯҳдаи Сарраёсати амнияти империявӣ вогузор гардид. *Б. Раҳматов.*

АБДИБЕ́КИ ШЕРОЗИ́И ҲАМАДОНӢ (тав. 1557, Ҳамадон – ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш – Ҳамадони Эрон таҳсил карда, ба камол расидааст. Аз хонадони шахсони фозилу донишманд, хоҳарзодаи шоир Ҳалокӣ ва бародари калонии шоир *Рашкӣ* буд. Ҳафт маротиба ба Ҳиндустон (охирин бор с. 1616) сафар карда, бо шоирону адбони ин кишвар вохӯрдааст ва дар маҳфилҳои адабӣ иштирок доштааст. Адибон Абулфазл ибни Муборак, Мирзо Абдурраҳимхони Хони Хонон ба А. ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд, ба ӯ ёрии моддӣ ва маънавӣ мерасониданд. А. шоири соҳибдевон аст. Девонаш аз 3000 байт иборат буда, дар он навъҳои гуногуни шеър, махсусан ғазал, рубоӣ ва ғ. фароҳам омадаанд.

АБДИБЕ́КИ ШЕРОЗӢ Хоҷа Зайнулобиддини Алӣ (19. 8. 1515, Табрез – 1580, Ардабили Эрон), шоир, таърихнигор ва мутарҷими эронӣ. Авлоду аҷдоди А. Ш. аз мардуми Шероз будаанд, бинобар ин ӯ нисбаи худро Шерозӣ зикр мекард. Падари А. Ш. бо дарбори шоҳ Исмоили Сафавӣ (ҳукмр. 1501 – 24) робитаи наздик дошт. Бо саъйи падараш ба хидмати дарбор дохил гардид ва якчанд сол дар Қазвин, Табрез, Ардабил кору зиндагӣ кард. Соли 1553 – 54 ба Гурҷистон сафар кард. Охири умраш дар Ардабил гузашт. А. Ш. аз айёми ҷавонӣ ба фаъолияти адабӣ шурӯъ намуда, дар ибтидо бо тахал. «Навидӣ» шеър менавишт. Бино ба маълумоти сарчашмаҳои адабӣ А. Ш. дар охири умр се девони ашъорашро мураттаб сохтааст, ки дар онҳо беш аз 10 ҳаз. байт фароҳам омада буданд. Аммо то ҳол нусхае аз девонҳои шоир дастраси муҳаққиқон нагардидааст. Дар миёнсолӣ ба худ тахал. «Абдӣ» гирифт ва маснавиҳо (се «Хамса»), асарҳои таърихӣ эҷод кард. Дар «Хамса»-и якум маснавиҳои «Махзан-ул-асрор», «Ҷоми ҷамшедӣ», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ҳафт ахтар», «Оини искандарӣ», дар «Хамса»-и дуюм маснавиҳои «Ҷавҳари фард», «Дафтари дард», «Фирдавс-ул-орифин», «Анвори таҷаллӣ», «Хазоин-ул-малакут», дар сеюм маснавиҳои «Равзат-ус-сифот», «Давҳат-ул-азҳор», «Ҷаннат-ул-асмор», «Зинат-ул-авроқ», «Саҳифат-ул-ихлос» фароҳам омадаанд (ҳамагӣ 54947 байт). «Хамса»-и сеюми А. Ш. бо номи «Ҷаннат-ул-адн» машҳур аст. Аксар маснавиҳои А. Ш. дар шакли нусхаҳои дастнависи аслӣ (автограф) ва ё нусхаҳои дар замони зиндагии шоир, ё каме баъдтар китобатшуда то рӯзгори мо расидаанд. Маснавиҳои А. Ш. дар пайравӣ ва ҷавоби маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диг. шоирони форс-тоҷик навишта шудаанд. Дар маснавиҳои А. Ш. пойтахти онвақтаи Сафавиён ш. Қазвин, табиат, боғҳо, меваҷоти он, ороиш, нақшу нигори қасри шоҳ ва ғ. тавсиф шудаанд. Ба ибораи худи А. Ш. ғайр аз «Хамса» боз ду маснавии дигар – «Саломон ва Абсол», «Тарабнома» таълиф карда будааст. Аз ин маснавиҳо то ҳол нусхаи дастнависе дастраси муҳаққиқон нагардидааст. А. Ш. инчунин муаллифи асарҳои таърихии «Такмилат-ул-ахбор» (таърихи умумӣ), «Сареҳ-ул-мулк» (доир ба вақфҳои шайх Сафӣ – ҷадди сулолаи Сафавиён) ва «Дебочат-ул-баён» (ҳоло дастрас нагардидааст) мебошад. А. Ш. ду асарро, ки ба таърихи пайғамбар Муҳаммад (с) ва халифа Алӣ бахшида шудаанд, аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума кардааст. Дар осори А. Ш. воқеаҳову масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии а. 16 Эрон инъикос ёфтаанд. Забони осори А. Ш. сода ва оммафаҳм аст. Бо саъю кӯшиши шарқшиноси озарбойҷонӣ А. Раҳимов маснавиҳои «Маҷнун ва Лайлӣ» (1966, 1967), «Равзат-ус-сифат» (1974), «Давҳат-ул-азҳор» (1974), «Ҳафт ахтар» (1974), «Оини искандарӣ» (1977), «Ҷаннат-ул-асмор», «Зинат-ул-авроқ», «Саҳифат-ул-ихлос», «Ҷавҳари фард» (1979), «Махзан-ул-асрор» (1986) дар Москва ба табъ расидаанд.

Ад.: Р а г и м о в А., Жизнь и творчество Абдибека Ширази, дар кит. Абдибек Ширази. Маджнун и Лайли. Критический текст и предисловие А. Рагимова, М., 1966. *А. Алимардонов.*

АБДИ́И ГУНОБОДӢ (с. тав. номаълум – ваф. байни 1562 – 64, Балх), шоири форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш Гунободи Хуросон таҳсили мадраса кард ва сипас ба Ҳирот рафта, дар муҳити адабии он ҷо ба камол расид. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкираш «Музаккир-ул-аҳбоб» аз шавқу рағбати А. Г. ба омӯзиши илм ва шеъргӯӣ иттилоъ додааст. Мувофиқи иттилои ҳамин асар ва манбаъҳои дигар А. Г. дар сурудани ғазал ва маснавӣ маҳорати зиёде доштааст, вале маснавиҳояш то кунун дастрас нагаштаанд. Дар тазкираҳову баёзҳо аз ашъори А. Г. намунаҳо оварда шудаанд. А. Г. дар шеърҳояш аз вазъи замон шикоят кардааст, ишқу ошиқӣ, табиату зебоиҳои онро тараннум намудааст, андешаҳои андарзӣ иброз доштааст. Ба забони ӯзбекӣ низ шеър мегуфтааст. Ин абёт намунае аз шеъри ӯст:

Замона шуму нокасу бенаво, Абдӣ,
Ғариқи хуни ситаму пурнаво, Абдӣ.
Умедворам, ки рӯзи нек меояд,
Ба савти халқ мешавад ҳамнаво, Абдӣ.

АБДИ́И ЗОМИНӢ Ҳаким (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар зодгоҳаш – Зомин таҳсил карда, ба синни камолот расидааст. Ба Ҳиндустон сафар карда, бо ёрии Ҳаким Абулфатҳи Гелонӣ, ки яке аз наздикони шоҳи онвақта – Акбар буд, ба дарбор роҳ ёфт. Ба сабаби мушкилоти рӯзгор ва фақру нодорӣ ашъори шикоятомез мегуфтааст, аз ин рӯ ӯро аз дарбор дур карданд. Аз намунаҳои ашъораш, ки тавассути тазкираҳову баёзҳо расидаанд, бармеояд, ки ӯ шоири ғазалсаро будааст.

Ад.: С а й и д Н а ф и с ӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш. *У. Тоиров.*

АБДИ́И ИСФАҲОНӢ Мирабдуллоҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири эронӣ (а. 16). Писари шоир Муҳаммадалии Табъии Исфаҳонӣ. Дар зодгоҳаш – Исфаҳон таҳсил намуда, илмҳои замонашро аз худ кард. Дар синни камолот ба хидмати дарбори Сафавиён дохил шуд. Шоири ғазалсаро буд. Инчунин ба қалами ӯ маснавии «Одам ва Парӣ» мансуб аст. Аз осораш намунаҳо ба воситаи тазкираҳо то замони мо расидаанд. *У. Каримов.*

АБДИ́И КОБУЛӢ Абдуллоҳҳоҷа (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Шахси таҳсилкарда ва донишманд будааст. Тазкиранависи тоҷик *Мутрибӣ* с. 1587 дар Бухоро ба мулозимати ӯ расида, муддате дар манзилаш зистааст. А. К. нисбат ба Мутрибӣ ҳаққи устодӣ дошта, ӯро барои ҷавоб гуфтан ба як қасидаи *Осафии Ҳиравӣ* ҳидоят намудааст. Аз ашъори А. К. намунаҳои каме ба тавассути тазкираҳо боқӣ мондаанд. *У. Каримов.*

АБДӢ Абдуллоҳҳоҷа (1870, Бухоро – 1922, ҳамон ҷо), тазкиранигор ва шоири тоҷик. Аз оилаи шахси фозилу донишманд, мударриси мадрасаи Ис-

кандархони Бухоро Мухторхоҷа. Ин шахс дар вилоятҳои гуногуни Аморати Бухоро машғули корҳои давлатӣ буд. А. таҳсили ибтидоиро дар назди падараш гирифт ва баъдан таҳсилро дар мадрасаҳои Бухоро идома дод. Баъд аз анҷоми таҳсил ба мударрисӣ шурӯъ кард. То охири умр ба ин касб машғул буд. Аз А. асаре бо номи «*Тазкират-уш-шуаро*», қасидаҳо, ғазалҳо ва пораҳои ба шакли маснавӣ навишташуда, ки дар тазкираҳову баёзҳо сабт гардидаанд, боқӣ мондаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Хуршеди рухат чун зи сари кӯй барояд,
Фарёди зану мард зи ҳар сӯй барояд.
Афтода ба рух холи ту чун мурда ачаб нест,
Бар оташ агар мурдаи ҳиндуй барояд.
Абдӣ зи хамири сухан ар мӯй чудо кард,
Аз ҳар суханаш боз дусад мӯй барояд.

Ос.: Тазкиратушшуарои Абдуллохоҷаи Абдӣ, Д., 1983.

Ад.: Тазкиратушшуарои Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам, Д., 1975.

АБДӢ Мирзоабдуллоҳи Самарқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик. Зодгоҳаш деҳаи Урметани ноҳ. Айнӣ. Пас аз касби камол ба Самарқанд рафт ва муқими он шаҳр шуд. Дар замони салтанати Умархон (ҳукмр. 1809 – 22) ба хидмати дарбори ӯ омад ва дар мансаби надимӣ хидмат мекард. Донишманди фозил, ҳозирҷавобу базлагӯй будааст. Намунаҳои ашъораш ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. Ин абёт аз ӯст:

Баски дилсардам зи аҳли рӯзгор,
Гӯшаи узлат аз он шуд масканам.
Қитъае чандин, китобе чанд хуш,
Аз матои даҳр дорам муғтанам.
Кисаам гар зар надорад, нест бок,
Симу зар – ашъор, сина – хазнаам.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973.

АБДӢ Мирзосафари Бухороӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1886), шоири тоҷик. Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарам чун фозилу донишманд, воқиф аз улуми мутадовилаи замон, бедилхон ва бедилфаҳм, муаммодон тавсиф шудааст. Хати хуб доштааст. Аз ин ҷост, ки дар дарбори амир Абдулаҳадхон чун муншӣ хидмат мекард. Дар сарчашмаҳо аз девон доштанаш иттилоъ надодаанд. Намунаҳои ашъораш дар тазкираҳову баёзҳо сабт гардидаанд.

Ад.: Тазкират-ут-шуарои Мӯҳтарам, Д., 1975.
А. Ҳабибов.

АБДО́Л (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 16). Дар зодгоҳаш – ш. Балхи Афғонистон таҳсил карда, ба камол расидааст. Сипас ба мақсади сайру сафар ба Озарбойҷон рафта, ба дарбори ҳукмронони он ҷо роҳ ёфт. Пас аз муддате ба Исфаҳон рафт ва ба хидмати Исмоили Сафавӣ (ҳукмр. 1501 – 24) дохил шуд. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо А. дар сурудани навъҳои гуногуни шеър, аз ҷумла ашъори мутоибавӣ ҳунарманд будааст. Абёти зерин, ки дар тазкираи «Маосири Балх» омадаанд, аз сурудаҳои А. мебошанд:

Зи тоби май туро ҳар гуна бар рухсор гул,
Сабзаи боғи ҷамолат андаку бисёр гул.

***

Ҳарчанд ки кори ту дар ин гунбази гардун,
Чун қадди алиф ҳеҷ ҳаму печ надорад,
Имрӯз макун такя бар ин ҳарф, ки фардо,
Маълуми ту гардад, ки алиф ҳеҷ надорад.
С. Алиев.

АБДО́Л Бобо Алишоҳи Ироқӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 15). Бо номи Алиф Абдол машҳур буда, бо тахал. «Мутеӣ» низ шеър месурудааст. Мувофиқи маълумоти Ризоқулихони Ҳидоят (тазкираи «Равзат-ус-сафо») А. шахси озодманиш буда, бо мансабдорон ва ҳукмронони замонаш душманӣ доштааст ва онҳоро сахт танқид мекардааст. Ашъораш, ки ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то имрӯз расидаанд, оҳанги сӯфиёна доранд.

АБДО́Л (аз ар. ҷойнишин, ивазкунанда, халифа), як зинаи силсилаи маротиби машоихи суфия, ки аз ҳафт тан орифони поку нексиришт иборатанд. Тибқи иттилои муҳаққиқи Эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб, бузургони суфия, ки иборат аз 356 нафар мебошанд, аз рӯи мақому манзалати ишғолкардаашон дар маърифати тасаввуфӣ силсилаи маротиберо ташкил медиҳанд, ки дар он қутб дар раъси ин силсила қарор дорад, сипас нақиб (сетанон), баъд А. (ҳафттанон) ва баъд мартабаҳои дигар хоҳанд омад. Дар ин силсилаи маротиб А. мақоми махсуси васатӣ дорад ва дар олами улвӣ низ шомили намоди (символ) худ мебошад. Рӯзбаҳони Бақлӣ дар «Абҳар-ул-ошиқин» оварда, ки дар канори ситораи қутбӣ дар осмони бекарон ба сурати фалаки «хирс» ҳафт ҷисми мунири осмонӣ (ситораи ҳафтдодарон) вуҷуд доранд, ки ин намодест аз ҳафт машоихи бузурги суфия. Ин машоих бо дарки рамзу рози олами улвӣ ҳафт иқлими олами гетиро ба таври нопайдо ба ӯҳда доранд. Ба ибораи дигар, ҳафт равзанае аз олами гетӣ ба сӯи олами малакут вуҷуд дорад, ки соликони тариқат ба воситаи абзорҳои маърифати ирфонӣ ба кунгураи арши илоҳӣ мерасанд ва офаридгори худро дарк менамоянд. Агар ин матлабро боз ҳам содатар карда гӯем, А. ё худ ҳафттанон дар мартабае аз силсилаи маротиби машоих қарор доранд, ки ба туфайли маърифати ирфонӣ ва иноятиилоҳӣ асрори ҳақиқатро бевосита дарк намуда, ҳар яке аз онҳо, дар навбати худ, мақоми қутби манотиқи як иқлими олами гетиро ба ӯҳда доранд ва дар ҳафт гӯшаи (иқлими) олам ҳукмфармоӣ хоҳанд кард. Дар адабиёти тасаввуфӣ соҳиби иқлими аввали олам Халилуллоҳ, соҳиби иқлими дуюм Мусо, соҳиби иқлими сеюм Ҳорун, соҳиби иқлими чаҳорум Идрис, соҳиби иқлими панҷум Яъқуб, соҳиби иқлими шашум Исо ва соҳиби иқлими ҳафтум Абулбашар қаламдод шудааст. Ҳафт ё худ А. бо мурури замон яке пас аз дигаре ҷойнишини ин пайғамбарон хоҳанд шуд. Яъне А. ё худ яке аз ҳафттанон агар ин дунёи фониро падруд гӯяд, ҷойи ӯро яке аз даҳтанон ва ҷойи даҳтанонро яке аз чилтанон пур хоҳад кард. Ин миқдор барои ҳамеша собит хоҳад монд. А. маъмулан аз низоми олам бохабаранд, орифи асмоъ ва сифати илоҳианд. Дар ирфони назарӣ ин масъала зимни баҳси масоили марбут ба Инсони комил аҳамияти хосса пайдо кард.

Ад.: Абдулҳусайни Зарринкӯб, Арзиши мероси суфия, Т., 1343, ҳ. ш.; Абдулҳусайни Ансорӣ, Ҷавоҳири Ғайбӣ, Нувалкишур, 1898; ҳ. ш; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ.1, Т., 1383 ҳ. ш. *М. Ҳазратқулов.*

АБДО́Л СУЛТО́Н, Абдумалик (тав. номаълум – ваф. 1580, Ҳисор), яке аз салотини Шайбониён, фарзанди Абдуллатифхон ва набераи Кӯкунчихон. А. С. дар аҳди *Искандархон* (1561 – 1583) ҳокими Зомин будааст. Вай дар талошҳои худ барои касби тахту тоҷ аз рақибонаш шикаст хӯрда, ба Кӯҳистон ва аз он ҷо ба Ҳисори Шодмон рафт ва дар мубориза бо Ӯзбек Султон ба қатл расид. Пас аз қатлаш ҷасади ӯро ба Самарқанд оварданд ва дар мадрасаи Кӯкунчихон ба хок супурданд. А. С. табъи шоирӣ дошта, бо тахал. «Хуш» ба забонҳои форсӣ ва ӯзбекӣ шеър сурудааст.

Ад.: Мухторов А., Ҳисор. Очерки таърихӣ (Охири а. XV – авв. а. XX), Д., 1995; Ӯзбекистон миллий энциклопедияси, 1 ж., Тошкент, 2000.
Л. Бойматов.

АБДО́ЛОВ Назарбек (тав. 23. 2. 1947, деҳаи Вомари ноҳ. Рӯшон), адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (2009). Хатмкардаи факти забонҳои хориҷии Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1969). Омӯзгори фанни забони франсавӣ дар УДТ (1969 – 79), тарҷумон дар Алҷазоир (1979 – 83), мудири кафедраи забони лотинии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1984 – 88), тарҷумон дар Алҷазоир (1988 – 91), корманди



Вазорати корҳои хориҷии ҶТ (1992 – 93), донишҷӯи Академияи дипломатии Федератсияи Россия (1994 – 95), корманди ширкатҳову созмонҳои байналмилалӣ, Бонки ҷаҳонӣ, «Ориёнбонк» (1994 – 2008). Аз с. 2008 мудири кафедраи забонҳои немисӣ ва франсавии ДМТ. А. дар баробари тадриси забонҳои хориҷӣ ба тадқиқи адабиёт, аз ҷумла масъалаи достонҳои ишқӣ-романтикии адабиёти форс-тоҷик ва баррасии онҳо дар маъхазҳои адабии Шарқу Ғарб машғул аст. Дар ин бобат ӯ мақолаҳову рисолаҳо дорад, ки дар Россия, Франсия, Алҷазоир ба табъ расидаанд.

Ос.: Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, Д. 2006; Нигоҳе ба достонҳои ишқӣ-романтикии адабиёти форс-тоҷик. Д., 2007. *Ё. Назармамадов.*

АБДӮ Муҳаммад (1849, Буҳайраи Миср – 1905, Искандария, мадфун дар Қоҳира), олим, назариётчӣ, публитсисти араб ва яке аз муассисони наҳзати ислоҳу таҷаддуди ислом. Дар хурдсолӣ Қуръонро ҳифз карда буд. Пас аз хатми мактаби таҳсилоти умумӣ ба Ин-ти Танто, сипас ба Ун-ти Ал-Азҳар дохил шуд. Соли 1872 дар Қоҳира бо Ҷамолуддини Афғонӣ шинос шуд ва ӯро устоди худ хонд. Дар ин ҷо ба публитсистика машғул гардид. А. дар Ун-ти Ал-Азҳар ба таълиму тарбия пардохта, на танҳо ногузирии таҷдиди назар роҷеъ ба кутуби динӣ ва маърифати исломиро пешниҳод намуд, балки дар барномаи дарсҳои он донишкада улуми ҷуғрофия, таърих ва маорифи диниро низ ҷорӣ намуд. Барои интишори ақоидаш ва назарияҳои ислоҳотгаронааш ӯро аз кор ронданд. Ӯ муддате ҳамчун узви ҳайъати таҳририяи рӯзномаи «Ал-вақоеъ-ул-мисрия» кор кард. Солҳои 1881 – 82 дар шӯриши Уробипошшо иштирок намуд. Пас аз шикасти шӯриш А.-ро аз Миср бадарға карданд. Ӯ то соли 1889 аввал дар Бейрут, сипас дар Париж иқомат кард. Дар Париж ҳамроҳи Ҷалолуддини Афғонӣ маҷаллаи «Ал-урват-ул-вускӯ»-ро нашр намуд. Баъд ба Бейрут баргашта, баъди чанд сол муаллимӣ кард. С. 1889 иҷозати расмии ба Миср баргаштанро гирифт. Аввал муфтӣ, сипас сармуфтӣ ва аъзои Шӯрои қонунгузорӣ тайин шуд ва дар ин вазифа то охири умр фаъолият дошт.

Моҳияти назари ислоҳотии ӯ ба се масъалаи асосӣ нигаронда шуда буд: а) баргаштан ба асри садрулислом; б) эҳёи фарҳангу забони арабӣ; в) эҳтироми ҳукуқи халқҳо ва озод гардонидани онҳо аз зулми мустамликадорони истисморгар. Рӯҳи ислоҳотталабонаи ӯ дар «Тафсири Қуръон»-и А. низ ба хубӣ намоён буд.

Дар замони зиндагии ӯ тафсирҳое бисёри иҷтиҳодӣ, мавзӯӣ, татбиқӣ, таърихӣ, адабӣ, ҳидоятиву тарбиявӣ ба Қуръони Карим пайдо шуда буданд. Тафсирҳои дорои хусусияти ирфонию фалсафии мутафаккирон, файласуфон ва орифони асрҳои миёна низ вуҷуд доштанд.

Зимни нигориши тафсирҳои гуногун иттиллоти бисёре дар улуми қуръонӣ гирд омад. Гузашта аз ин, масоили навини каломию фалсафӣ ба бардоштҳои тозаи мазмунҳои қуръонӣ мусоидат намуданд. Дар натиҷа мактабҳои тафсирӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо мактаби А. ва шогирдонаш буд.

А. ҳанӯз дар мақолае бо номи «Тавҳид» навишта буд, ки ислом ду ғояи бузург ба мардум ато кардааст: сиботии иродаи фардӣ ва озодии ақида. Ин ҳар ду ба такомули тадриҷии навъи башар кӯмак карданд, ба афрод омӯзиш доданд, ки истеъдоди билқуввааи худро амалӣ намоянд. А. ба навиштани тафсири худ ба Қуръон бо номи «Ал-минор» шурӯъ кард ва баъди вафоти ӯ шогирдаш Муҳаммад Рашид Ризо кори устодашро давом дода, тафсири мавриди назарро ба итмом расонд. Ин ҳарду устоду шогирд бунёнгузорони мактаби навин дар тафсири Қуръон гардиданд. Шеваи тафсири онҳо аз тарзи тафсири пешиниён фарқи куллӣ дошт. Ин фарқ дар тарзи нигориши онҳо – такя ба истифодаи густурдаи ақл дар дарку фаҳми маънии Қуръон ва талоши доимӣ барои оштӣ додани орои пешиниён бо арзишҳои навини зиндагии муосир зоҳир мегардид.

А. ба омӯзиши осори суфия низ шуғл варзида, дар аввалин асари худ «Рисолат-ул-воридот» кӯшидааст, ки таълимоти ваҳдати вуҷудро аз ҷиҳати маърифатӣ асоснок намояд. Таҳти таъсири устодаш Ҷамолуддини Афғонӣ ӯ ба омӯзиши фалсафаи Ғарб шурӯъ намуд ва бар мабнои дониши андӯхтаи илми муосир ва тарғибу ташвиқи ислоҳот дар дини ислом пардохт. А. ба ҷуз мақолаҳои сершумори дорои рӯҳияи ислоҳотталабонаи чопшуда дар маҷаллаҳои «Ал-Аҳром» як силсила осори дорои хусусияти фалсафӣ низ нигоштааст, ки муҳимтаринашон «Ал-ислом ва-н-насрония ма-ал-илм ва-л-маданията» ва «Рисолат-ут-тавҳид» мебошанд. Дар охирин асари номбаршуда масъалаи ваҳдатро ҳам аз назари ҳастӣ ва ҳам аз ҷиҳати назарияи маърифат баррасӣ намуда, ба воқибулвуҷуд ҳамаи сифатҳои илоҳиро мансуб донистааст. Дар тавҳид А. имконияти дарки офаридгор, таносуби дониши ақливу ладунӣ ва мақоми ваҳӣи набавиро дар асоси бардоштҳои шахсии худ шарҳ додааст.

Ғояи рисолаи мазкур ҳам ба мукобили фақеҳони аҳкомпараст ва ҳам бар зидди мунаққидони «хориҷӣ»-и ислом равона шудааст. А. мӯътақид буд, ки мусулмонон ба тавҳиди ҳақиқӣ не, балки ба дин, ки дар тӯли садсолаҳо ба тахрифу тафсирҳои ғалат дучор шудааст, пайравӣ мекунанд. Ба ақидаи ӯ, яккахудоӣ, ақлу ақида ва иродаи мӯъминонро озод мекунад ва қазову қадар озодии иродаву амалро ҳеҷ гоҳ истисно нахоҳад кард.

Ин асари А. рукнҳои асосии ислоҳоти пешниҳодшудаи А.-ро дар бар мегирад. Минбаъд ғояҳои ин асарро намояндагони дигари ҳаракати ислоҳотталабона, ки шогирдону пайравони А. буданд, инкишоф додаанд ва ногузирии муносибати оқилона ва амалиёти мустақилонаро тарғиб ва талқин намуданд.

Ад.: Религия и общественная мысль стран Востока, М., 1974; Ҳазратқулов М., Исломва Абуҳанифа, Д., 2009. *М. Ҳазратқулов.*

АБДУВАЛӢЕВ Андрей Ҳакимович (тав. 1966, ш. Душанбе), варзишгар (оид ба гурзпартоӣ). Хатмкардаи Донишкадаи тарбияи чисмонии Тоҷикистон (1987). Устоди шоистаи варзиши СССР. Чемпиони Бозиҳои Олимпӣ (Барселона, 1992), чемпиони дукаратаи ҷаҳон (Штутгарт, 1993; Гётеборг, 1995), дорандаи Ҷоми ҷаҳон (Лондон, 1994), соҳиби медали нуқраи Бозиҳои иродаи нек (ШМА, 1990), чемпиони Спартакиадаи халқҳои СССР (1991), чемпиони СССР (1991). Натиҷаи беҳтаринаш дар гурзпартоӣ 83 м 46 см (Сочи, 1990). Аз с. 1993 дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунад.

АБДУВАЛӢЕВА Мавҷуда Мӯъминовна (17. 10. 1924, ш. Хуҷанд) педагог, проф. (1994). Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои РСС Тоҷ. (1962). Хатмкардаи Донишкадаи давлатии педагогии Хуҷанд (1943). Муаллими Техникуми кооперативии ш. Хуҷанд (1943 – 46), муаллим, но-


Абдувалиев А.


А. Абдуҷаббор.

зири иттифоқи касабаи вилоятии омӯзгорон (1946 – 47), муаллимаи мактаби миёна дар ш. Табошар (1947 – 53), муаллима ва директори мактаб дар ҷамоати деҳоти Унҷӣ (1953 – 60), директори мактаб-интернати ш. Хуҷанд (1960 – 62), муаллими калон, дотсент ва мудири кафедраи забони русӣ (1962 – 69), декани фак-ти забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии педагогии Хуҷанд (1969 – 80). Аз с. 1980 нафақагири шахсӣ. Муаллифи қариб сад асару мақолаи илмӣ, методӣ ва таълимӣ оид ба масъалаҳои такмили усули таълими адабиёти рус дар мактабҳои тоҷикӣ.

Ос.: Взаимосвязь в переподавании родной и русской летератур в восьмилетней школе, Д., 1965; МПС в преподавании русской литературы, Д., 1990; Совершенствование процесса обучения русской литературы на основе МПС, Д., 1991.

АБДУВАЛӢ ибни Қозӣ Юсуф (1461, Оббурдани Кӯҳистони Мастчоҳ– 1542, ҳамон ҷо), хаттот ва катибанависи тоҷик. А. шахси фозилу донишманд ва чанд муддат қозӣ ҳам будааст, вале бештар ҳамчун кандакори рӯи санг машҳур гардидааст. Дар катибаи санги рӯи қабраш ӯро чунин тавсиф кардаанд: «ҳокими шаръӣ, мақбули мулук ва салотин, имомулҳумом, сайидулҳукком, афзулулайём, мураббиюлфуқаро, муқаввиуззафо» ва ғ. Нахустин катибаҳои рӯисангии А. ба с-ҳои 1496 – 99 мутаалиқ буда, аз деҳоти Похут ва Шаватки ноҳ. Айнӣ ба даст омадаанд. Матни ин катибаҳо аксар мазмуни ахлоқӣ ва тарбиявӣ доранд. Мас., матни катибаи санги байни деҳоти Шамтич ва Оббурдан:

Эй солики ин роҳ, назар бо мо кун,
Аз фикри замона хотири худ во кун.
Хоҳӣ, ки ба айш бигзаронӣ ҳама умр,
Зулмат макуну хеш ба дилҳо ҷо кун.

Аз А. катибаҳои бисёре ба ёдгор мондаанд, ки беш аз 20-тои онҳо дар захираи Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардушиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ (тахти рақамҳои 1, 5, 15, 49, 52, 70, 85, 95, 96, 129, 131, 147, 148, 166, 185 ва ғ.) маҳфузанд. *А. Нуров.*

АБДУҒАФФО́РИ АБДУҶАББО́Р (Абдуҷабборов; тав. 11. 8. 1956, Конибодом), нависанда, тарҷумон ва драматурги тоҷик. Хатмкардаи факти журналистикаи Донишгоҳи давлатии Ленинград (1979). Фаъолияташ чун рӯзноманигор дар г. «Вечерный Душанбе» оғоз ёфтааст. Хидмат дар Артиши Шӯравӣ (1980 – 81). Муҳаррир, мудири шӯъба, сармуҳаррири идораҳои гуногуни ТВТ (1981 – 88), директори шӯъбаи тоҷикистонии «Союзтеатр», директори генералӣ, котиби Иттифоқи ҳодимони театри Тоҷикистон (1988 – 95), сармуҳаррири идораи байналхалқӣ, муовини директори ТВТ ва роҳбари «Тоҷиктелефилм» (1995 – 2004). Аз с. 2004 роҳбари дастгоҳи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва ҳамзамон аз с. 2010 сармуҳаррири маҷаллаи адабӣ-бадеии «Шарқу Ғарб». А. А. муаллифи беш аз 1500 барномаи телевизионӣ, филмномаҳо асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, ҳикоёт, қиссаҳо ва драмаҳо мебошад. А. А. «Дарсҳои франсузӣ»-и В. Распутин, «Сад соли танҳоӣ», «Ба полковник касе наменависад»-и Габриэл Гарсиа Маркес, «Моҳ ва фулус»-и Соммерсет Моэм, асарҳои публитсистии Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев «Роҳи қазоқистонӣ» «Дар дили Евроосиё», «Ормону орзуҳо дар фарҳанги муосири Чин»-и Суан Сзечжян ва ғ.-ро ба забони тоҷикӣ гардонидааст. Ба қалами А. А. пйесаҳои «Сӯҳони қазо» (1994), «Шарофат» (1996), «Масал бигӯ, Эзоп» (2006), «Аспи захмхӯрда» (2009), «Тулӯъ. Муколамаҳои академик» (2010), тарҷумаи пйесаҳои баъзе драманависони турк ва қирғиз тааллуқ доранд. Дар матбуот ва дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ очеркҳову мақолаҳо ва лавҳаҳояш ба табъ расидаанд. Дорандаи ҷоизаҳои ИЖТ ба номи Абулқосим Лоҳутӣ (1998) ва Ассотсиатсияи публитсистони Тоҷикистон (2008) мебошад. Бо Ордени «Шараф» (дараҷаи II) сарфароз гардидааст. Узви вобастаи Академияи мусаввирии Тоҷикистон (2010), узви ИЖ Тоҷикистон (1988), Иттифоқи арбобони театри Тоҷикистон (1990), ИН Тоҷикистон (1997), Ассотсиатсияи публитсистони Тоҷикистон (2007). *Ф. Маҳмадуллоев.*

АБДУҒАФФО́РОВ Абдуқаҳҳор (тав. 12. 2. 1953, Ленинобод), иқтисоддон, доктори илмҳои иқтисодӣ (1995), проф. (1996). Хатмкардаи УДТ (1975). Ассистенти кафедраи иқтисоди сиёсии ҳамин донишгоҳ (1975 – 76), аспиранти Донишгоҳи давлатии Москва (1977 – 80), муаллими калон, дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсии УДТ (1981 – 91), дотсент, муовини декани фак-ти иқтисодиёт (1992 – 96), мудири кафедраи «Менеҷмент ва соҳибкорӣ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд (1996 – 98). Аз с. 1988 директори шӯъбаи дар Хуҷанд будаи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон. А. оид ба масъалаҳои назариявии ташаккули тамсилаи иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон, маҳсуриятҳои иқтисодӣ ва мустақилии муассисаҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, давраҳои гузариш ва масоили рушди замони иқтисоди бозорӣ, рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва пойдоршавии системаи андоз ва андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. зиёда аз 90 асару маколаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Ос.: Экономическая обособленность и самостоятельность предприятий в условиях перехода к рыночным хозяйствам, Х., 1993; Рыночная экономика РТ: этапы перехода и проблемы развития, Х., 1998; Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономии Таджикистана, Х., 2006.

АБДУЗОҲИ́РИ КОТИ́Б (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (авв. а. 19). Аслан аз Хева. Осори классикони адабиёти форсӣ-тоҷикро бо хати настаълиқи зебо китобат кардааст. «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (соли китобаташ 1811) аз чумлаи асарҳои китобатнамудаи А. К. мебошад. *С. Султонов.*

АБДУҚАҲҲО́Р, дарёчаи кӯҳӣ, яке аз шохобҳои чапи д. Ванҷ дар Помири Ғарбӣ. Аз пиряхи Абдуқаҳҳор ибтидо гирифта, дар Хирсдара ҷорӣ мешавад. Дарозиаш 13 км. Давраи серобиаш июл – авг., камобиаш окт. – март. Манбааш пирях ва барф. Ҳар сари чанд вақт (1937, 1951, 1963, 1973) дар натиҷаи ба пеш хазидани пиряхи Хирсон ва банд шудани маҷрои А. дар паси пирях кӯли калони мавсимӣ пайдо мешавад. Оби ин кӯл гоҳе аз болои пирях ва гоҳи дигар зери онро рахна карда ҷорӣ мешавад ва дар ин ҳол сарфи об дар як сония то ба 2000 м^3 мерасад. Дар чунин маврид маҷро соҳилҳоро хароб мегардонад. Баъд оҳиста-оҳиста маҷрои дарё ба ҳолати аввалааш бармегардад. Ҳангоми ҳаракати пирях с-ҳои 1963, 1973 андозаи кӯл мутаносибан чунин буд: ҳаҷмаш – 9,7 ва 17,4 млн м^3, дарозиаш – 1250 ва 1500 м, ҷойи чуқуртаринаш – 82 – 105 м.

АБДУҚАҲҲО́Р, пирях дар Помири Ғарбӣ, воқеъ дар пайвандгоҳи қ-кӯҳҳои Ванҷ ва Академияи Фанҳо (баландиаш то 3317 м). Дар натиҷаи пайваст шудани ду пирях ба вуҷуд омадааст. Дарозиаш 11,4 км, масоҳ. 26,0 км^2. А. – сарчашмаи д. Абдуқаҳҳор


А. Раҳим.


А. Абдуқодиров.

(шохоби чапи д. Ванҷ). Пиряхи А.-ро нахустин бор Экспедитсияи шӯравию олмонӣ омӯхтааст (1928).

АБДУҚОДИ́РИ РАҲИ́М (Раҳимов Абдуқодир; тав. 17. 1. 1961, д. Кафтархонаи ноҳ. Восеъ), шоири тоҷик. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи маданӣ-маърифатии ҷумҳуриявии ноҳ. Ленин (1979) ва фак-ти филологияи тоҷики УДТ (1984). Корманди телевизиони тоҷик (1984 – 85), омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар ноҳ. Комсомолобод (1985 – 87), хабарнигор, котиби масъули рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳ. Восеъ (1987 – 90), муҳаррири калон, мудири шӯъбаи маҷ. «Фарҳанг» (1990 – 93), мухбири г. «Ҷумҳурият» (1993 – 99) буд. Аз с. 1999 мудири шӯъбаи фарҳанги ҳамин нашрия. Фаъолияти эҷодии А. Р. ох. с-ҳои 80 а. 20 оғоз шуд. Беҳтарин намунаҳои осораш дар маҷмӯаҳои ашъор ва нигоштаҳои мансури «Дурӯғи шабнам» (1993), «Чароғи ошноӣ» (1997), «Ҷилваи як нола» (1998), «Нусхаи парешонӣ» (2000), «Рӯшноӣ» (2003), «Фиреби меҳр» (2003), «Хилвати Ойина» (2005), «Духтари афсонаҳо» (2006) гирд омадаанд. Мавзӯи ашъори А. Р. васфи Ватан инсондӯстӣ, зебоиҳои табиати кишвар, ишқу ҷавонӣ, андешаҳои фалсафӣ дар бораи маънии зиндагӣ ва ғ. мебошанд. А. Р. – дорандаи ҷоизаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди ҳумати ҶТ (1995), узви ИЖ Тоҷикистон (1994). Бо медали «Хизмати шоиста» (2010) сарфароз гардидааст. Аз с. 1994 узви ИН Тоҷикистон. *Ф. Маҳмадуллоев.*

АБДУҚОДИ́РОВ Абдусалом (тав. 19. 12. 1949, ноҳ. Ғончӣ), адабиётшиноси ӯзбекзабони Тоҷикистон, доктори илмҳои филология (1998), проф. (1999). Аълочии маорифи Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1974). Пас аз хатми мактаби миёна мудири китобхонаи мактаб, омӯзгор буд ва дар сафи Артиши Шӯравӣ хидмат кардааст (1966 – 70). Лаборанти калон (1974 – 76), муаллим (1976 – 88), мудири кафедраи адабиёти ӯзбекӣ (1988 – 98), декани фак-ти филологияи ӯзбекӣ (1998 – 99), ҷонишини декан (1999 – 2000), мудири кафедраи усули таълими забон ва адабиёти ӯзбекии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд (2001 – 04). Аз с. 2004 мудири кафедраи адабиёти ӯзбекии ҳамин донишгоҳ. Муаллифи 8 монография, 5 рисола, 1 китоби дарсӣ, 13 дастури таълимӣ-методӣ, беш аз 200 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ. Дар оғози фаъолияти илмӣ ба масъалаҳои анъана ва навоварӣ, поэтикаи назми ӯзбекии давраи ҶБВ (1941 – 45) машғул шудааст («Назми ҷанговар», 1990). Аз с-ҳои 90 а. 20 ба пажӯҳишу баррасии масъалаҳои тасаввуф ва робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек дар мисоли эҷодиёти Навоӣ машғул аст («Амир Алишери Навоӣ ва шоирони классики тоҷик» 2007). Мавзӯи рисолаи докториаш «Тасаввуф ва эҷодиёти Алишери Навоӣ (дар асоси масъалаи ваҳдати вуҷуд)» мебошад. Зимни баррасии ин мавзӯъ А. ба эҷодиёти шоирони орифи форсҳоҷик Саноӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диг. таваҷҷӯҳ намудааст. Фарҳанги мухтасари тафсирии истилоҳоти тасаввуфии (дар 2 китоб; 1997 ва 2002) тартибдодаи А. дар асоси маводи ҳамин мавзӯъ ба миён омадаанд. А. барои мактабҳои таҳсилоти умумии ӯзбекзабони ҶТ китобҳои дарсии «Адабиёт» (2007) ва «Адабиёти Ватан»-ро (2003) таълиф намудааст. Дастурҳои таълимии А. оид ба назмшиносӣ, хониши ифоданок ва ғ. барои мактабҳои олии ҶТ таъйин гардидаанд. Корҳои илмии А. дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон маъруфанд. Бо роҳбарии А. 4 нафар унвончӯ рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд. *Б. Файзуллоев.*

АБДУЛАЗИ́З ибни Абдулваҳоб (с. тав. ва ваф. номаълум), мусаввир ва хаттоти тоҷик (а. 16). Бино ба маълумоти муаллифи китоби «Гулистони ҳунар» Қозӣ Аҳмад А. аслан аз Кошон будааст. Маҳсули ҳунарашро ба шоҳ Таҳмосби Сафавӣ (ҳукмр. 1524 –76) бахшида, асосан дар китобхонаи ин шоҳ ба мусаввирӣ машғул будааст. Тибқи баъзе аз маълумотҳо шоҳ Таҳмосб А.-ро барои мӯҳри бардурӯғ сохтанаш ҷазо дода, гӯшу биниашро буридааст. А. чун мусаввир ва минётуранигори боистеъдод сабку услуби Беҳзодро пайравӣ менамуд ва худро дар ин ҳунар аз ҷумлаи шогирдони ӯ медонистааст. Дар китобхонаи Топкапуи Туркия (албоми рақами 47930) яке аз минётураҳои А. мавҷуд аст, ки дар он шоҳзода дар пироҳани сиёҳ ва чакмани сурх тасвир шудааст. Дар ин наққошии А. таъсири сабки Беҳзод возеҳ ба назар мерасад. Аз осори А. минётураҳои «Шоҳ Таҳмосб», «Ҷамшед андар тахти хеш», «Завдок» (ҳар се дар Музейи миллии Париж) бокӣ мондаанд, ки барои омӯзиши сабки наққошӣ ва минётуранигории ӯ аҳамияти калон доранд. Минётураи машҳури ӯ «Султон дар қасри худ» (Музейи миллии Париж) басо нозуку табиӣ баромада, дорои таносуби устувори рангҳо ва банду басти мукаммал мебошанд. А. дар ҳунари хаттотӣ низ муваффақ буда, навъҳои хати арабиро зебо менавиштааст.

Ад.: Кази Ахмед, Трактат о каллиграфах и художниках, М.–Л., 1947; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988; Ашрафӣ М., Таджикская миниатюра. Бухарская школа XVI – XVII вв., Д., 2011. *Л. Бойматов.*

АБДУЛАЗИ́З ибни Шарафуддин с. тав. ва ваф. номаълум), ҳунарманд ва рехтагари тоҷик (ох. а. 14 – ибт. а. 15). Дар дарбори Амир Темур (ҳукмр. 1370 – 1405) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аз амали А. то замони мо осори кам расидааст. Намунаи машҳури ҳунари ӯ деги калонест, ки с. 1399 аз хӯлаи ҳафтҷӯш барои мазори Хоҷа Аҳмади Ясавӣ (ш. Туркистон) рехта шудааст. Ин дег намунаи барҷастаи санъати рехтагарӣ ва мисгарӣ буда, ҳашт ҳалқаи нуқракӯби зарандуд дорад. Дар деворааҳои дег тасвири сари шер, мурғ ва моҳӣ муҷассам ва ҳаккокӣ гаштааст. Гирдогирди он бо хатҳои сулс, кӯфӣ ва риқоъ матнҳои гуногун китобат шудаанд.


Амали рехтагарии Абдулазиз ибни Шарафуддин.

АБДУЛАЗИ́З МАХДӮ́М (с.тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (ох. а. 19 – ибт. а. 20). Зодгоҳаш Бухоро. А. М. дар хаттотӣ услуби хос дошта, шумораи асарҳои китобаткардааш ба 100 мерасад. Китоби «Ал-фавоид уз-зиёия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аз беҳтарин намунаҳои хаттотии А. М. мебошад, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои Ин-ти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АБДУЛАЗИ́ЗИ МАРОҒАЙ́ Нуриддин ибни Абдураҳмон (с. тав. ва

ваф. номаълум), оҳангсоз, сароянда, навозанда ва мусиқишиноси форсу тоҷик (нимаи дуюми а. 15 – авв. а. 16). Дар деҳаи Нойини вил. Исфаҳон таваллуд шуда, дар Исфаҳон фавтидааст. Набераи устоди бузурги мусиқӣ Абдулқодири Ғӯянда. Асосҳои илмию амалии мусиқиро аз падараш омӯхтааст. Аз ҷавонӣ дар сурудхонӣ, сознавозӣ (барбат, най, қонун ва ғ.) маҳорати хуб пайдо намуда, сабки бобояшро идома медиҳад. Ӯ муддате дар Шероз, Мароға, Исфаҳон, Ҳирот зиста, таркиботи мусиқии назариявӣ ва амалиро омӯхтааст. Поёни умр ба Рум рафта дар боргоҳи сулолаи Оли Усмон аввал чун котибу китобдор, баъд чун созандаву сароянда хидмат кардааст. А. М. баробари такмили санъати мусиқии амалӣ, инчунин оид ба қоида, масъалаҳои муҳими иҷрокунандагӣ, тартиботи мақомҳо асари назариявие бо унвони «Нақавот-ул-адвор» иншо намуда, онро ба Султон Сулаймон (Оли Усмон) бахшидааст. Ӯ дар асараш нуқтаю андешаҳои таҳқиқии бобо ва падарашро идома дода, аз ҷумла дар таснифоти созҳо, фосилаю зарб, тартиби мақомҳо, инчунин баъзе гуфтаҳои носаҳеҳи Абулмӯъмини Сафиуддинро пурра кардааст. Мас., ӯ дар асоси асарҳои бобояш Абдулқодири Ғӯянда «Мақосид-ул-алҳон», «Ҷомеъ-ул-алҳон», «Лаҳния», «Канзул-алҳон» ва рисолаи падараш «Мақосид-ул-адвор» сохт, тартиби пурраи 84 доираи Абулмӯъмини Сафиуддин ва 7 доираи афзудаи бобояшро тафсир дода, нӯҳ доираи дигар илова кард ва адади онро ба сад расонид. А. М. дар сохти торию пардавии созҳои тории мизробӣ низ тағйироте дароварда, онро дар мисоли уд таҳқиқ намуд ва ба теъдоди торҳои он тори иловагиеро бо номи «мукаммал» афзуд. «Нақавот-ул-адвор»-и А. М. дар китобхонаҳои Туркия ва Британияи Кабир маҳфуз аст.

Ад.: Рақабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рақабов.*

АБДУЛАЗИ́ЗИ МАХСУ́М (с. тав. ва ваф. намаълум), ҳофиз, навозанда, шоир ва мусиқидони машҳури тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Бухоро, дар ҳамон ҷо аз олам гузаштааст. Ӯ аз ҷавонӣ ба омӯхтани санъати сароядагӣ ва навозандагӣ пардохта, ба дараҷаи устодӣ расидааст. Барои такмили пешаи овозхонӣ, сознавозӣ, фарогирии қавонини шеърию мусиқӣ назди Аҳмади Дониш, Қорӣ Каромати Дилкаш ва диг. устодони мусиқӣ доништ андӯхтааст. А. М. чун созанда «Шашмақом»-ро хуб иҷро мекардааст ва дар такмили қисмҳои «Савт», «Талқин», «Уфар» ҳисса гузоштааст. А. М. чун устоди мусиқидон ва навозандаи бомаҳорат дар байни аҳли ҳунари Бухоро ва берун аз он бо номи «Абдулазизи Савтӣ» маъруф будааст. А. М. ғазалҳои некӯ низ сурудааст. Дар доираҳои адабӣ бо тахал. «Савтӣ» маъруф буд.

Ад.: Таджикская музыка, Д., 2003; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рақабов.*

АБДУЛАЗИ́ЗИ НАҚҚО́Ш (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва мусаввири форсу тоҷик (а. 16). Аслан аз Кошон будааст. Дар китобхонаҳои Исмоили Сафавӣ ва Шоҳ Таҳмосб кор кардааст. Шогирди Беҳзод. А. Н. дар эҷодиёти худ сабки Беҳзодро идома дода, бештар чун мусаввири манзараҳои табиат ва лаҳзаҳои разму муҳориба шӯҳрат пайдо мекунад. А. Н. хаттоти моҳир низ будааст, вале аз осори хаттотиаш то замони мо чизе боқӣ намондааст.

АБДУЛАЗИЗХО́Н, (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Бухоро, писари Нодирмуҳаммад, аз сулолаи Аштархониён. Соли 1645 бекҳову феодалони аз сиёсати Нодирмуҳаммад норозӣ А.-ро хони Бухоро эълон карданд. Нодирмуҳаммад аз Шоҳиҷаҳон ёрӣ талабид. Шоҳиҷаҳон аз ин пешниҳод истифода бурда ба Балх лашкар кашид. Соли 1647 А. ба муқобили Шоҳиҷаҳон бархост ва аҷнабиёнро бартараф карда, бародараш Субҳонқулихонро ҳокими Балх таъйин намуд. Дере нагузашта бародарон барои тахт бо ҳамдигар мубориза сар карданд. Аз чунин шароит хонҳои Хева Абулғозӣ ва Анӯшахон истифода бурда, ба Бухоро ҳуҷум карданд, вале с. 1657 А. ба Абулғозӣ зарбаи сахт зад. Тохтутози Абулғозиро Анӯшахон давом дод. Ҷанги дуру дароз барои Хева обрӯи А.-ро паст кард ва ӯ маҷбур шуд, ки с. 1680 тахтро ба бародараш Субҳонқулихон супорад. Замони ҳукмронии А. муносибатҳои дипломатию тиҷоратии хонии Бухоро бо Россия, Эрон ва Ҳиндустон ривоҷ ёфтанд.

АБДУЛАЗИЗХО́Н (тав. ва ваф. номаълум), хони Бухоро аз сулолаи Шайбониён (1540 – 49). Баъди вафоти Абдуллоҳхони I худро хони Бухоро эълон карда, аз итоат ба ҳокимияти марказии Мовароуннаҳр сар печид ва боиси дар Мовароуннаҳр ба вуҷуд омадани духокимиятӣ гардид (ниг. *Абдуллатифхон*). Бо мақсади ба худ ҷалб кардани таваҷҷӯҳи омма ва мустаҳкам намудани ҳокимият с. 1541 баъзе андозҳоро бекор кард. Дар аҳди А. сохтмони қалъаи нави Бухоро сар шуда, дар замони Абдуллоҳхони II анҷом ёфт. Дар а. 16 Бухоро ба яке аз марказҳои санъати меъморӣ ва илму маърифат табдил ёфт. А. дар ин ҷо китобхонае таъсис кард, ки ба он рассом ва хаттоти номӣ Султон Мирак сардорӣ мекард. Дар он на танҳо китобҳои нодирро ҷамъ мекарданд, балки хаттотони беҳтарин, ба монанди Миралӣ, шогирдони вай Хоҷа Маҳмуд ва Саид Аҳмади Машҳадӣ асарҳои бисёрро китобат намуда, бо минётураҳо ороиш медоданд.

Н. Қосимов.



Абдуламонов Қ.



Абдуласанов А.

АБДУЛАМО́НОВ Қозимамад (тав.-13. 11. 1948, деҳаи Барочи ноҳ. Рошткалъа), агроном, доктори илмҳои кишоварзӣ (2003), профессор (2005). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1971). Фаъолияти меҳнатиаш дар Ин-ти биологии Помири АИ ҶТ оғоз ёфта, ба ҳайси лаборанти калон, ходими илмӣ, ходими калони илмӣ, мудири лабораторияи генетикаю селексияи растаниҳо кор кардааст. Аз с. 2008 муовини директор оид ба илми ҳамин пажӯҳишгоҳ мебошад. Доир ба селексия ва генетикаи зироати ғалладона ва лӯбиёгии навъи маҳаллӣ тадқиқот мебарад. Навъҳои серҳосили гандуму ҷави ба шароити кӯҳистон ва касалиҳо тобоварро ба вуҷуд овардааст.

Ос.: Некоторые результаты селекции сельскохозяйственных растений на Западном Памире, дар кит.: Биологические ресурсы Памира, Д., 2002; Селекция ячменя и тритикале на Западном Памире, Д., 2005.

АБДУЛАСА́НОВ Абдулназар Абдуназарович (тав. 21. 10. 1944, ш. Хоруғи ВМКБ), ходими ҳарбии тоҷик, генерал-майор (1997). Хатмкардаи курсҳои яксолаи омӯзишгоҳҳои олии умумиқӯшунии фармондеҳии ш-ҳои Боку (1967) ва Тошкант (1968), Академияи ҳарбии ба номи М. А. Фрунзеи ш. Москва (1986). Солҳои 1967 – 90 дар ҷузъу томҳои гуногуни Округи ҳарбии Туркистон ба сифати командири взвод, рота, баталион, сардори ситод ва коменданти ҳарбии ко-

мендатураи ҳарбии гарнизони ш. Самарқанд кор кардааст. Афсари калони шӯъбаи қӯшуни Кумитаи мудофиаи ҶТ (1992 – 93), коменданти ҳарбии ш. Душанбе (1993 – 97), муовини Вазири мудофиа – фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ (1997 – 2005). Аз с. 2005 атташеи ҳарбӣ дар назди сафоратхонаи ҶТ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой. Бо орденҳои «Барои хизмати Ватан дар Қувваҳои Мусаллаҳи СССР», «Ситораи Сурх» ва медалҳо сарфароз гардидааст. *Н. Шарипов.*

АБДУЛАҲАДХО́Н (16. 3, 1859, Кармина – 6. 1.1911, ҳамон ҷо), амири ҳаштум аз сулолаи Манғития, фарзанди амир Музаффар. А. с. 1873 дар синни 14-солагӣ беки Кармина (ҳозира ш. Навоии Ҷумҳурии Ӯзбекистон) таъйин гардид. 15 майи (27 май) с. 1883 дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус – Александри III иштирок намуд ва подшоҳи Россия ӯро валиаҳди тахти салтанати Бухоро эълом кард. А. соҳибмаърифат буда, забони форсӣ-тоҷикиро хуб медонист; ба забонҳои арабӣ ва русӣ низ такаллум мекард. 17 ноябри 1885 дар Арки Бухоро ба тахти аморат нишастани А. баргузор гардид. Солҳои аввали ҳукмрониаш амир А. дар Бухоро мезист; нисфи сол дар шаҳр мемонд; фасли зимистон чанд моҳ ба Шаҳрисабзу Қаршӣ мерафт, тобистон дар Кармина иқомат мекард. Дар Бухоро аксаран дар қароргоҳи беруни шаҳриаш – Ширбадан мезист. А. марди таҳсилкардаву ҷаҳондида буд ва дар аморати Бухоро нияти ислоҳотро дошт, вале ба муқобилияти шадиди рӯҳониён дарбору атроф дучор шуда, оқибат с. 1897 аз Бухоро ба Кармина рафт ва то охири умр ҳамон ҷо монд. А. бори аввал с. 1882 ба Россия сафар карда, минбаъд борҳо ба Москва ва Петербург рафтааст. Соли 1893 писараш Олимхонро ба Петербург бурда, с. 1896 дар ҷашни ба маснади императорӣ нишастани Николайи II иштирок намуда, бори охир қабл аз вафоташ дар Петербург 25-солагии ҳукмрониашро бо тантана таҷлил кард. Ғайри Москваю Петербург А. ба ш-ҳои Киев, Одесса, Боку, Тифлис, Батумӣ, Севастопол, Екатеринослав ва Боғчасарой сафар кардааст. Дар аҳди А. истисмори халқ авҷ гирифта, дар дохили аморат ҳаракати халқӣ торафт пурзӯр гардид. Калонтарини онҳо шӯриши Восеъ дар Балҷувон буд (1888), ки бераҳмона пахш карда шуд. Бо вуҷуди ин дар давраи ҳукмронии А. дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Бухоро баъзе дигаргуниҳо ба амал оварда шуданд: дар зиндонҳо шиканҷаи тоқатфарсои маҳбусон андаке сабук шуд; коркарди саноатии канданиҳои фоиданок, аз қабили мис, оҳан ва тилло оғоз мешавад; махсус барои содир намудани ашёи хом ба Россия дар Амударё пул сохта шуд; роҳи оҳани Чорҷӯй – Самарқанд бунёд гардида, сими телеграф кашида мешавад; тиҷорат нисбатан равнақ меёбад. А. дар сохтмони яке аз калонтарин масҷидҳои Европа дар ш. Петербург ҳиссагузор буд. А. ба адабиёту мусиқӣ низ рағбат дошта, бо тахаллусҳои «Масъуд» ва «Оҷиз» шеър менавишт; ба мусиқии урфии касбии тоҷикии «Шашмақом» таваҷҷӯҳи хос дошта, сози мусиқии танбӯрро хуб менавохт. Намунаи ашъори А. дар баъзе баёзҳо гирдоварӣ шуда дар Ганҷинаи дастхатҳои Инти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфуз мебошанд. Садри Зиё дар рӯзномаи худ намунаи шеъри А.-ро, ки мухаммас бар ғазали Калим буда, саршор аз ҳасрату надомат ва шикоят аз «дӯстони» бадхоҳ мебошад, овардааст, ки як бандаш ин аст:

То кай зи аҳли шиква ба ман мерасад забон,
Бигзашт захмҳои забонҳо аз устухон,
Ғамгин наям ба даҳр ман аз ҳарфи душманон,
Рафтам фурӯ ба хок зи саркӯби дӯстон,
Навбат кучо ба сарзаниши душманон расад.

А. унвони русии дарбории «генерал-адютант» дошта, дар як вақт вазифаҳои генерали қӯшунҳои савора (кавалерия), саркардаи (атамани) қӯшунҳои казакҳои Терск, саркардаи полки 5-уми казакҳои Оренбургро ба ӯҳда дошт. Бо чандин орденҳои Россия, аз он ҷумла ордени олии Россия – «Святого апостола Андрея Первозванного» бо занҷираш (дараҷаи махсуси ин орден барои мусулмонон), инчунин бо ордени «Тоҷи Итолиё» (дар. I), орденҳои фаронсавии «Легиони фахрӣ» ва «Салиби калони афсарӣ» мукофотонида шудааст. *М. Холов.*



Масҷиде, ки бо ташаббуси амир Абдулаҳадхон дар ш. Санкт-Петербург сохта шудааст.

АБДУЛБОБИЁН, деҳа дар Ҷамоати шаҳраки Обигарм, тобеъ ба ш. Роғун. Аз А. то маркази ш. Роғун 25 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 110 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, обчакорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз оби сой ва чашмаи Холипарак обёрӣ мешаванд.

АБДУЛБОҚӢИ НАҲОВАНДӢ (1570, деҳаи Ҷулаки Наҳованд – 1633, Ҳиндустон), шоир, адиб, таърихнигори форсизабони Ҳиндустон. Аҷдодаш аз курдони Ироқ буданд. Бобову падараш дар давраи ҳукмр. Исмоили Сафавӣ (1501 – 24) аз Ироқ ба Эрон кӯчиданд. Падари А. Н., бародараш Оқо Ҳизр чун омилон, волӣ, ҳукуматдорони баъзе минтақаҳои атрофи давлат хидмат мекарданд. Аҷдоди А. Н. шахсони фозил буданд, табъи шоирӣ доштанд. Дар ҳамин муҳит, дар муошират бо аҳли илму адаб, ки ба даргоҳи падару бародараш меомаданд, айёми наврасӣ ва камолоти А. Н. сипарӣ гаштааст. Муддате ӯ ҳам дар корҳои давлатӣ иштирок доштааст. Ба сабаби зиддиятҳои дарборӣ, ҳасодати байниҳамдигарии омилон А. Н. маҷбур мешавад ватанашро тарк карда, рӯ ба Ҳинд биёрад. Дар Ҳиндустон аввал ба дарбори Абдураҳими Хони Хонон ворид шуд ва то с. 1619 дар хидмати ӯ буд. Сипас ба хидмати шоҳзода Парвиз даромад ва то охири умр ҳамроҳи ӯ буд. Аз А. Н. асари таърихиву бадеии «Маосири Раҳимӣ» (дар бораи таърихи хонадон ва осори хайрияи Абдураҳими Хони Хонон), 391 байт дар анвои гуногуни шеър (қасида, ғазал, рубоӣ, байт), дебочаҳои ба «Куллиёт»-и Урфии Шерозӣ ва «Девони рубоиёт»-и Амир Муғаййисиддин Маҳвии Ҳамадонӣ навиштааш боқӣ мондаанд.

Ос.: Маосири Раҳимӣ (бахши зиндагиномаҳо). Т., 1381 ҳ. ш., Куллиёти Урфии Шерозӣ, ҷ. 1, Т., 1378 ҳ. ш.

Ад.: М у х а м м а д и е в Ш. М. «Маосири Рахими» Абдулбаки Наханванди как литературный источник по истории персоязычной литературы Индии XVI – XVII веков, Д., 2009.

Ш. Муҳаммадиев.

АБДУЛБОҚӢИ ТАБРЕЗӢ (с. тав. номаълум – 1681), хаттоти эронӣ (а. 17). Давраи ҷавониаш дар зодгоҳаш Табрез гузаштааст. Баъд барои касби камол ба Бағдод рафта, бо китобат машғул шудааст. Дар навиштани хатҳои сулс, насх, риқоъ ва ғ. устод будааст. Аз осори ӯ катибаҳои масҷиди Шоҳ Сулаймон (ш. Исфаҳон) боқӣ мондааст. Бо тахал. «Боқӣ» шеър низ месурудааст. Аз ашъори ӯ чизе дастрас нест.

АБДУЛВАҲҲО́Б МИРЗО́ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. байни 1860 – 70, ш. Китоб), хаттоти тоҷик. Зодгоҳаш Бухоро. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо А. М. бештар аз 100 асарро ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ бо хати шикаста ва настаълиқ китобат кардааст. Аз осори хаттотии А. М. то замони мо маснавиҳои Ҷалолуддини Румӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Нозими Ҳиравӣ расидаанд. Ин асарҳо дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд. *Н. Шарипов.*

АБДУЛВАҲҲО́БИ МАШҲАДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форсу тоҷик (а. 16). Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти А. М. маълумоти кофӣ дар даст нест. Қариб тамоми умраш дар зодгоҳаш ш. Машҳад гузаштааст. Тибқи ахборе, А. М. хоҳарзодаи устод Султоналии Машҳадӣ буда, нозукиҳои ҳунари хаттотиро аз ӯ омӯхтааст. Бино ба маълумоги «Гулистони ҳунар»-и Қозӣ Аҳмад дар с-ҳои 60 а. 16 А. М. 80-сола буда, ҳаёти дарвешона ба сар бурдааст. А. М. дар айни замон яке аз хаттотони машҳур ва шинохтаи Машҳад будааст. Муҳаққиқони осори А. М. бар ин ақидаанд, ки ӯ хати зебо дошта, навъҳои хати арабиро хуб менавиштааст. Намунаҳои хати ӯ дар Китобхонаи давлатии Истамбул маҳфузанд.

Ад.: К а з и А х м е д , Трактат о каллиграфах и художниках, М.–Л., 1947; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч. 1, Д., 1988; А ш р а ф и М ., Таджикская миниатюра. Бухарская школа XVI – XVII вв., Д., 2011.

Л. Бойматов.

АБДУЛВАҲҲОБХО́ҶА (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Зодгоҳаш Бухоро. Дар 80-солагӣ дар қарияи Асфардони вил. Нисо фавтидааст. Бо тахаллуси Ориф низ шеър мегуфт. Аз авлоди тазкиранигори а. 16 Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб») будааст. Бино ба маълумоти ин тазкира А. дар назди падараш илм омӯхта, аз шахсони таҳсилдида ва машҳури аҳди худ буд. Аз фанни шеър вуқуфи тамом дошта, пайваста эҷод мекардааст. Ба қавли Нисорӣ ашъори А. малеҳ, гуфтораш фасеҳ буда, дар ғазал ба тасаввуфу ирфон майл доштааст. Намунае аз ашъори ӯ:

Сарбаландон, ки ба даргоҳи ту доранд саре,
Ки сари хеш ба фирдавс фурӯ меоранд.
Ҳаваси теғи ту ҳар тоҷварро нарасад,
Ин ҳавоест, ки хосони ту дар сар доранд.
Орифо, дурҷи ҳақоиқ барорӣ аз гӯш,
Кӯҳли тақлид на шоистаи ин осоранд.

У. Назиров.

АБДУЛВОСЕ́И ҶАБАЛӢ Бадеъуззамон ибни Абдуҷомеъ ибни Умрон ибни Рабеи Ғарҷистонӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1160), шоири форсгӯи тоҷик. Дар ш. Ҳирот таҳсил намуда ба камол расид. Илмҳои расмии давраш, махсусан улуми адабиро хеле хуб омӯхт ва дар шоирӣ мумтоз шуд. Дар дарбори Ғазнавиён ва Салҷуқиён – Баҳромшоҳ ибни Масъуди Ғазнавӣ, Туғрултекин ибни Муҳаммад хидмат кардааст. Бино ба маълумоти тазкиранигор Муҳаммади Авфӣ А. Ҷ. «бар назми тозӣ қодир буд ва дар шеъри порсӣ моҳир. Ҳамаи фузало бар тақаддуми ӯ якзабон буданд, аммо ӯ дар назм дузабон буд». Аз А. Ҷ. девони ашъор боқӣ мондааст, ки қасидаҳо, ғазалҳо, таркиббанду рубоиҳо ва қитъаҳои ӯро дар бар мегирад. А. Ҷ. дар мадҳу васф маҳорати калон доштааст. Зимни қасидаҳои мадҳӣ, инчунин дар қасидаҳои алоҳида манзараҳои табиатро зебо ва дилпазир тасвир намуда, бо суханони зебою дилнишин фасли зебои сол – Баҳор ва Наврӯзро васф кардааст. Дар байни сурудаҳои А. Ҷ. васфи ишқу муҳаббат мавқеи калон дорад. Ӯ ҳолати рӯҳии қаҳрамони лирикӣ, ҳусни маъшуқа, вафодорӣ, дӯстӣ ва садоқату рафоқатро тараннум кардааст. А. Ҷ. ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва таҳаввулоти зиндагӣ таваҷҷӯҳ карда, авзои замон, вазъияти рӯзгори асри худро моҳирона тасвир намудааст. Қаҳрамони ашъори А. Ҷ. аз замона гилаву шикоят мекунад, худи ӯ таҷассуми дарду аламу ғуссаи халқ мебошад:

Гар аз замона шикоят кунам, раво бошад
В-ар аз ситора тазаллум кунам, сазо бошад.

Замони А. Ҷ. замони ба забони форсии тоҷикӣ роҳ ёфтани калимаҳои зиёди арабӣ буд. Аз ин ҷост, ки дар шеърҳои ӯ калимаҳои зиёди арабӣ ба назар мерасанд. Дар маҷмӯъ А. Ҷ. пайрави сабки хуросонист, вале ба сабаби нуфуз пайдо кардани сабки ироқӣ эҷодиёти А. Ҷ. аз таъсири ин сабк берун намондааст. Дар баъзе шеърҳои А. Ҷ. лафзбозиҳо, маснӯъгӯиҳо ба назар мерасанд. Дар сабки эҷод, мазмуну мундариҷаи шеър ва тарзи баён А. Ҷ. дар силки шоирон – Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Футӯҳӣ ва диг. қарор дорад. А. Ҷ. рисолаҳои мансуре низ доштааст, ки номаҳо ва муншаоти ӯро дар бар мегирифтанд. Девонаш дар Теҳрон ба табъ расидааст (1961 – 63). *А. Абдуллоев.*

АБДУЛВОСЕ́Ъ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 15). Дар вил. Нури Хуросон ба дунё омада, дар ҳамин ҷо таҳсил ва касби камол кардааст. Дар тазкираҳои «Маҷолис-ун-нафоис», «Музаккир-ул-аҳбоб» А. чун шоири хушбаёну тозафикр ва фозилу донишманд тавсиф шудааст. Намунаҳои ашъораш ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. Аз ин намунаҳо бармеояд, ки ӯ дар ашъораш зиндагиву ҳоли худро тасвир, баъзе норасоиҳои замонаро танқид ва ишкро тараннум намудааст. Абёти зерин намунае аз ашъори ӯянд:

Ҷаҳон бемадор асту беэътибор,
Маҷӯ эътиборе аз ин бемадор.

***

Забон зи сӯзи дарунам забонае бошад,
Шарораҳои вай аз ман нишонае бошад.

Ад.: А л и ш е р Н а в о й , Маҷолис-ун-нафоис, Тошкент, 1961. *У. Назиров.*

АБДУЛВОСИ́ЕВ Абдулло (1922, деҳаи Қӯзибегии ноҳ. Орҷоникидзеобод – 19. 5. 1968, ҳамон ҷо). Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1958). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи педагогии ш. Орҷоникидзеобод. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945). Нозири комитети Ҳизби Коммунистӣ (1946 – 54), раиси комичроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳия (1955 – 61), директори идораи қабули ғалла (1961 – 65), мудири шӯъбаи раёсати «Тоҷикплодоовош»-и назди Шӯрои Вазирони РСС Тоҷ. (1965 – 68) буд. Вакили Шӯрои Олии РСС Тоҷ. (даъв. 6). Бо ордени Ленин ва медалҳо сарфароз гардидааст.



АБДУЛҒАФӮУРИ ЛОРӢ Бадеуддин (дар баъзе сарчашмаҳо Разиуддин омадааст; тақр. с-ҳои 40 а. 15 – 1506, Ҳирот), донишманд, ориф ва фақеҳи форс-тоҷик. Дар сарчашмаҳои таърихию динӣ ва адабӣ чун шахси таҳсилдида, огоҳ аз улуми мутадовилаи замонаш тавсиф шудааст. Рутбаи Мавлоно гирифтани А. Л. гувоҳи он аст, ки ӯ ба дараҷаи баланди илму фазли замони худ – ба устодӣ расида будааст. Писари Ҳусайн Воизи Кошифӣ адиби маъруф Фахруддин Алии Сафӣ яке аз шогирдони ӯст. Дар таърихи илму адаб чун нависандаи шарҳу ҳошияҳо машҳур аст. А. Л. аз машҳуртарин шогирдони Абдурраҳмони Ҷомӣ буд. Бо дархости фарзанди Ҷомӣ – Зиёуддин Юсуф бар «Нафаҳот-ул-унс» ва «Фавоиди Зиёия»-и Ҷомӣ шарҳу ҳошия баста, мушкилоти онҳоро тавзеҳ додааст. Ин асар ба ғайр аз ҳавошӣ боз шарҳи ҳол ва тавсифи осори Ҷомиро дар бар

гирифта, чун намунаи асари ёддоштӣ эътироф гардидааст. Забону услуби он содаву равон аст. *А. Афсаҳзод.*

АБДУЛҒАФФО́Р МАҲДӮМИ БУЛБӮЛ мутахаллис ба Фавҷӣ (1879, Хуҷанд – 1979, ҳамон ҷо), хаттот ва шоири тоҷик. Аз шогирдони *Абдуллатифи Ҳисорӣ* буда, дастнвис ва қитъаҳои ба қалами ӯ тааллуқдоштаро гирдоварӣ намудааст. Ашъори чанде аз шоирони хуҷандиро ҷамъ оварда, онҳоро бо хати зебо китобат кардааст. Аз ҷумла намунаи ашъори худашро бо хати хоною дилчасп китобат намудааст, ки дар дасти писараш Маҳдуми Боқиҷон (сокини Хуҷанд) маҳфуз мебошад.

С. Султонов.

АБДУЛҒАФФОРХО́Н (1881, Ҳиндустон – 1988), яке аз пешвоёни ҳаракати паштунҳо. Барои озодии ҳуқуқҳои миллати паштун мубориза бурдааст. Аз с. 1919 роҳбари ташкилоти миллатгарои «Анҷумани ислоҳи афғонӣ» ва пешвои партияи «Ҷирғаи паштун». Яке аз асосгузорони «Ҳизби халқии миллии Покистон».

АБДУЛҒОЗИХОҶА́И ИСТАРАВШАНӢ ибни Тӯрахӯҷа машҳур ба Мавлавӣ Ҳусайни Истаравшанӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), хушнависи тоҷик (нимаи авв. а. 19). Асарҳои бисёрро китобат намудааст. Дар китобат ва рӯйбардор намудани «Чор девон»-и Алишер Навоӣ (ох. с-ҳои 40 а. 19) иштирок дошт. Соли 1848 «Хамса»-и Навоиро бо хати басе зебою хоно китобат кардааст, ки дорои арзиши баланди бадеист. *С. Султонов.*

АБДӮЛИН Зоҳид Муҳабулович (1906, деҳаи Таткулмаюри ноҳ. Чердаклини вил. Уляновски Россия – ваф. маълум нест), арбоби давлатӣ ва сиёсӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Солҳои 1924 – 26 дар мактаби ҳизби коммунистии ш. Самара таълим гирифта, с-ҳои 1926 – 30 муаллим, 1930 – 33 мудири шӯъбаи Комитети ҳизбии ш. Тошҳавзи Туркманистон буд. Соли 1937 Ун-ти умумиттифоқии хоҷагии қишлоқи Ленинградро хатм карда, с-ҳои 1937 – 61 котиби якуми Комитетҳои ҳизби коммунистии ноҳияҳои Ашт, Пролетар, Мурғоб, Орҷоникидзеобод, ш.-ҳои Конибодом, Кӯлоб ва с-ҳои 1961 – 64 сардори Ширкати саноати гӯшту шири РСС Тоҷ. буд. Аз с. 1964 нафақагир буд. Вакили Совети Олии РСС Тоҷ. (даъв. 2 – 6). Бо 3 ордени Ленин, 3 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, 3 ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо, ифтихорномаҳо ва дигар мукофотҳои ҳукуматӣ сарфароз гардидааст.

АБДУЛКАРӢМ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар тазкираҳои а. 16 ин шоир чун шахси асилзода, шоири хуштабъ, дорои суханони марғуб ва ашъори дуррбор ёд гардидааст. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкирааш «Музаккир-ул-аҳбоб» А.-ро яке аз шогирдони худ донистааст. А. шеърҳои худро аз назари Нисорӣ ва чанде аз аҳли қаламу ҳаммаслакони худ мегузаронид. Аз девонаш иттилое нест. Намунаҳои ашъораш ба воситаи тазкираҳо ва баёзҳо то замони мо расидаанд. Ин абёт аз ӯст:

Суруду нолаам, эй дил, аз он асар дорад,
Ки пеши ғамзаи ӯ ҷой дар ҷигар дорад.
Зи ҷамъи доираи аҳли дил бурун бодо,
Касе, ки то дами мурдан дил аз ту бардорад.
Чӣ гуна ганҷи муҳаббат ниҳон кунам дар дил,
Ки он хароба ба ҳар сӯ ҳазор дар дорад…

У. Назиров.

АБДУЛКАРӢМ (с. тав. ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (ох. а. 19 – авв. а. 20). Зодгоҳаш Бухоро. А. аз хаттотони мумтози давраш ба ҳисоб рафта, ба хати Имоди Қазвинӣ пайравӣ ва тақлид кардааст. Аз намунаҳои хати А. бисёр қитаоти ҷудогона ва асарҳои китобатшуда боқӣ мондаанд. «Девони ғазалиёт»-и Ҳасанмуроди Одил (1909), «Таърихи Муллозода»-и Аҳмад ибни Маҳмуди Муллозода ва «Таърихи Наршахӣ»-и (1912) Муҳаммад ибни Наршахӣ аз ҷумлаи беҳтарин намунаҳои китобати А. буда, бо хати настаълиқи хоно ва зебо китобат шудаанд. Ҳар сеи ин китобҳо дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон маҳфузанд. *С. Султонов.*

АБДУЛКАРӢМ (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Ҳисор (тахм. с-ҳои 1840 – 60). Фарзанди Саидбийи Атолиқ. А. бо амири Бухоро иртиботи нисбатан хубе доштааст. Соли 1850 беки Балҷувону Кӯлоб Мизробшоҳ бо шоҳи Дарвоз ба Ҳисор ҳамла карда Душанберо оташ заданд. Амири Бухоро Музаффар (1860 – 85) борҳо ба сӯи Ҳисор лашкар кашида мардуми бисёреро ба қатл расонд. А. истиқлолияти мулки худро дар минтақа устувор дошта натавонист. Билохира Ҳисор ва мулкҳои атрофи он (Дарвоз, Кӯлоб, Балҷувон ва ғ.) ба тобеияти аморати Бухоро даромаданд.

Ад.: Юсупов Ш. Т., К истории дореволюционного Душанбе (Конец XIX – нач. XX вв), Д., 1988; Мухторов А. М., Ҳисор. Очерки таърихӣ (Охирҳои а. XIX – аввали а. XX), Д., 1995.

Л. Бойматов.

АБДУЛКАРӢМИ БУХОРОӢ, (с. тав. номаълум, Бухоро – ваф. 1830, Истамбул) таърихдон, географ, сайёҳи тоҷик. Амир Ҳайдар А. Б.-ро с. 1804 дар ҳайати намояндагону сафирон ба Россия фиристод. Ӯ дар ш-ҳои Петербург, Москва ва Астрахан будааст. Соли 1807 чун саркотиб ба ш. Истамбули Туркия фиристода шуд. Дар Истамбул оиладор шуда, то охири умр ҳамон ҷо ҳаёт ба сар бурдааст. Аз А. Б. дар бораи таърихи Туркистону Афғонистон асаре бо номи «Таърихи қадимӣ» боқӣ мондааст. Ин асарро шарқшиноси франсавӣ Ш. Шефер «Таърихи Осиёи Марказӣ» ном гузошта, ба забони франсавӣ тарҷума ва дар Париж чоп кардааст.

АБДУЛКАРӢМИ ГЕЛОНӢ ибни Иброҳим, маъруф ба Ҷилӣ (Бағдод, 1365 – 1428, ҳамон ҷо), яке аз намояндагони машҳури тасаввуф. Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба ҷуз чанд ишорае дар осораш ва нашри муқаддимаи асараш «Инсони комил» чизи дигаре маълум нест. Мувофиқи маълумоти тасвиршуда дар онҳо А. Г. муриди суфии бузурги замонаш Шарафуддини Ҷабарутӣ будааст. Аз А. Г. ба рӯзгори мо ду асар бо номҳои «Ал-инсон-ул-комил фӣ маърифат ил-авохир ва-л-авоил» ва «Арбаин маротиб» омада расидаанд. Таълимоти асосии фалсафию ирфонии ӯ дар «Инсони комил» баён шудаанд. Афкори ирфонии А. Г. аз ду қисмати асосӣ иборатанд. Дар қисмати аввал ҳастишиносӣ ва дар бахши дуюм масъалаҳои маърифати вуҷуди ҳақиқати илоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. А. Г. мӯътақид аст, ки вуҷуди мутлақ яке беш нест ва ҳамаи касрати олам ваҳмӣ ва падидорист, зеро ҳақ ба унвони вуҷуди мутлақ худро дар ойина (мазҳараш) падидор мекунад ва иртиботу муносибати ҳаққу халқро барқарор месозад. Ҳақиқати мутлақ зотан (бинафсиҳӣ) вуҷуд дорад ва ҳеҷ тафсили лафзӣ наметавонад камолу зоти ӯро ифода кунад, онро танҳо ба воситаи олами моддӣ шинохтан мумкин аст. Зеро он танҳо як амри эътиборӣ (моҳият) нест, балки он воқеияти айниест, ки сурати хориҷии (зоҳирӣ) ҳақро мутаҷаллӣ месозад.

Ба тариқи боз ҳам содатар касрату тақсимпазирӣ дар ҷаҳони моддӣ таҷаллии зоти илоҳӣ ҳастанд, айнан мисли он ки сифот дар таҳлили ниҳоӣ бо зот яке мебошанд. Дар фасли 57-и «Инсони комил» А. Г. бо сароҳат тафаккурро ҳаюлои олам унвон кардааст. Ӯ мегӯяд: «Тафаккур ҳаёт ва рӯҳи олам аст…вуҷуд чизе нест, магар андеша, андеша реша ва маншаи ҳастӣ (вуҷуд) аст ва зотест, ки худо дар он яксара мутаҷаллӣ мешавад» (216). Пас ҳастӣ (вуҷуд) чизе ҷуз андеша дар андеша нахоҳад буд ва аз

тариқи ҳамин андеша ба зоту сифоти ҳақиқати мутлақ иттисол пайдо намудан мумкин аст.

Аз ин нуқтаи назар, А. Г. раҳмонияти (бахшандагии) илоҳиро аз таҷаллии зот ба асмову сифоте (асмо-ул-ҳусно) иборат медонад, ки онҳо хоси холиқанд ба мисли аҳадият, воҳидият, самадият ва ғ. (монанди ширинии шакар аз найшакар). Дар мартабаи илоҳият ҳақиқати мутлақ ба сифоте таҷаллӣ хоҳад кард, ки шомили ҳам сифоти холиқ ва ҳам сифоти махлуқ мебошад, ба мисли ҳаёт, илм, қудрат, ирода, калом, самъ, баср, ки ҳаққу халқ ҳар ду ин сифатҳоро доро мебошанд. Ҳамин масъаларо А. Г. ба ибораи дигар, дар «Инсони комил» равшантар баён карда, аз ҷумла мегӯяд, ки Худо ҳаюлои олам аст, яъне Худо монанди обест, ки ҳақиқати ях аст ва ҷаҳон монанди ях аст, ки чизе ба ҷуз об нест (яъне худо дар сурати оби мунҷамид). Пас ҷаҳону худо як чиз ва ба ҳам муттаҳиданд. «Ҷаҳон чизе нест магар ях ва ях, бино ба назари мо, чизе нест, магар об. Лизо (бинобар он) эътиқоди мо ин аст, ки яху об ҳар ду якеанд» (362).

Аз ҳамин нуқта таълимоти маърифатии А. Г. оғоз шудааст. Инсон, ки дар вуҷудаш отифаи илоҳиро ба унвони нафс (рӯҳ) дорад, бояд ҳақиқатро дарк кунад, зеро ҳақиқат воҳид аст ва огоҳӣ аз ин воҳиди ҳақиқӣ, ба фикри А. Г. ба инсон ногаҳон зоҳир намешавад. Инсон қодир нест, ки ҳамаи ҳақоиқи илоҳиро дар замони валодату балоғат дарёбад. Ӯ танҳо дар натиҷаи тай намудани маротиби суудӣ ба сӯи ҳақиқат метавонад зоти Бори таолоро дарк кунад. Барои чунин амал А. Г. чаҳор мартабаи мухталифро дар «Инсони комил» пешниҳод намудааст: 1) шуҳуди феъл – инсон эҳсос мекунад, ки Худо дар ҳамаи аъёни олам аз рӯи қудовати зотиаш зуҳур кардааст. Барои дарки он ӯ бояд зинаҳои муайяни мақомот ва аҳволи тасаввуфиро дарк намояд; 2) шуҳуди асмоъ (исмҳо) – вақте ориф, яке аз исмҳои илоҳиро ба таври завқӣ (на ақлӣ) кашф кард, ҳастии ӯ яксара таҳти султаи илоҳӣ қарор мегирад ва вуҷуди моддии ӯ нопадид мегардад. Дар натиҷа дар назари ӯ падидаи дигаре зоҳир мегардад ва ӯ мефаҳмад, монанди мавҷҳои дарё ба худи дарё пайвастааст; 3) шуҳуди сифат – дар ин марҳила ба воситаи дарки сифоти илоҳӣ нафсу вуҷуди ориф фонӣ мешавад, рӯҳи махлуқии инсон аз байн меравад ва ҷои онро вуҷуди худо дар қалбаш пур мекунад, суфӣ воҳидро дар касир мебинад ва худ ба унвони воҳид амал мекунад; 4) дар охирин марҳила аз шуҳуд, ки Ҷилӣ онро ишроқи сифоти илоҳӣ меномад, қалби ориф ба нуре мунаввар хоҳад шуд, ки дар он тамоми аъёни оламро дар гӯшаи калби худ ҷой медиҳад. Ба ибораи дигар, инсон дар худ мемирад (марги қабл аз мавт) ва ҷони ӯ ҷавҳари илоҳиро дармеёбад. Ӯ комил мешавад ва мазмуну мундариҷаи Инсони комил аз ҳамин иборат аст.

Албатта, ин мухтасари таълимоти А. Г. дар бораи инсони комил аст, ки дар китобаш ба он обу ранги бадеию ирфонӣ бахшида, ба мисолу муқоисаҳои матолиби ҷолиби зинаҳои нузулию суудӣ онро устокорона ба қалам додааст ва иртиботи ногусастании ҳақу холиқ ва худову инсонро шарҳу тафсир намудааст. Аз ҷумла, ӯ гуфта, ки Инсони комил қутбест, ки сипеҳри вуҷуд аз оғоз то анҷом дар меҳвари ӯ мечархад. Он дар шеваҳои гуногуни таълимоти орифон ҷомаҳои гуногун ба тани мавзуни худ пӯшида, бо номҳои гуногун арзи вуҷуд намудааст. Чандин масъалаҳои ҳошиявии марбут ба ҳамин масъала низ дар асари А. Г. «Инсони комил» матраҳ шудаанд.

Ад.: Дор Б. А. Маҳмуди Шабистарӣ. Гелонӣ ва Ҷомӣ, дар кит. Таърихи фалсафа дар Эрон. ҷ. 2. Т., 1365; Саидҳусайни Наср, Дин ва низоми табиат Т.; Ҳазраткулов М. Тасаввуф, Д., 1988. *М. Ҳазратқулов.*

АБДУЛКАРИ́МИ ХОРАЗМӢ (с. тав. номаълум – ваф. тахм. байни 1482 – 87, Шероз), хаттот ва шоири тоҷик (а. 15). Зодгоҳаш Шероз. Азбаски аҷдодаш аз Хоразм будаанд, тахал. «Хоразмӣ»-ро ихтиёр кардааст. Тибқи иттилооте ҳаёти А. Х. асосан дар Шероз гузаштааст. Аммо бархе бар ин ақидаанд, ки А. Х. замони ҳукумати Султон Яъқуби Оққуюнлу (ҳукмр. 1478 – 90) дар Табрез иқомат доштааст. А. Х. аз овони бачагӣ ба хаттотӣ шуғл варзида, сипас дар ин пеша машҳур гаштааст. Бародари А. Х. Абдурраҳими Хоразмӣ низ хаттоти соҳибистеъдод будааст. Бино ба маълумоти муаллифи китоби «Гулистони ҳунар» Қозӣ Аҳмад сабку услуби хаттотии бародарон ба ҳам монандӣ доштааст. Ин ду хаттот дар ҳунари хаттотӣ падарашон – Абдурраҳмони Хоразмиро устоди худ шумурдаанд. То замони мо намунаҳои осори хаттотии А. Х. расидаанд, ки аз маҳорати баланди ӯ дар навиштани хати настаълиқ шаҳодат медиҳанд. Бино ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ А. Х. шогирдони зиёдеро тарбият намудааст, ки хаттот ва наққоши номӣ Муҳаммади Баққол яке аз онҳост. А. Х. ва бародараш табъи шоирӣ низ доштаанд. Намунаҳои китобати А. Х. дар китобхонаҳои давлатии Истанбул, Теҳрон, Санкт-Петербург маҳфузанд.

Ад.: Кази Ахмед, Трактат о каллиграфах и художниках, М.– Л., 1947; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988; Ашрафӣ М., Миниатюра: От Бехзода до Ризай-и Аббаси, Д., 2011. *Л. Бойматов.*

АБДУЛҚА́ЙСОВ Шералӣ (тав. 15. 4. 1951, деҳаи Дерзуди ноҳ. Рӯшон), актёри театр ва кинои тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2007). Хатмкардаи фак-ти санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1973). Аз с. 1973 актёри Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ. Дар саҳнаи театр ва кинои тоҷик зиёда аз 100 рол офаридааст. Ролҳои офаридааш дар саҳнаи театр: проф. Пашков («Аллломаи Адҳам»-и С. Улуғзода), Лука Лукич («Ревизор»-и Н. В. Гогол), Азимов («Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ), Аҷузкампир («Ромео ва Ҷулйетта»-и У. Шекспир), Асад («Афсонаҳои мӯйсафед»-и Н. Абдулло), Отелло («Отелло»-и У. Шекспир), Гефистион («Искандар ва Спитамон»-и Б. Абдураҳмонов), Дон Жуан («Дон Жуан»-и Молйер), Чиғатойи Чингизхон («Темурмалик»-и М. Бахтӣ), Ҷомосп («Зардушт»-и Н. Табаров), Абдуннабӣ («Тахти Султон Маҳмуд»-и Ш. Солеҳ), Амир Темур («Кабки қафас»-и Т. Зулфиқоров), Ковусшоҳ («Зуҳури навини Сӯҳроб»-и Ф. Умаров) ва ғ. Соли 2007 дар фестивали байналмилалии ОСТ – ОРДО дар ш. Бишкек барои иҷрои роли Амир Темур аз намоишномаи «Кабки қафас»-и Т. Зулфиқоров соҳиби ҷоизаи роли беҳтарини мардона шудааст. А. чун режиссёр намоишномаҳои «Шер, Рӯбоҳ ва Ангур», «Табаралӣ ба Япония меравад»-и Ш. Солеҳ, «Вақти дуохонӣ»-и Ҷ. Қудус, «Харобот»-и С. Айюбӣ ва ғ-ро таҳия намудааст. Дар моноспектакли «Шер, Рӯбоҳ ва Ангур» (аз рӯйи масалҳои Эзоп) А. ҳам режиссёр ва ҳам иҷрокунандаи роли асосӣ мебошад. А. дар кино низ ролҳои ҷолиб офаридааст: Нуралӣ («Марди роҳ»), Қарашир («Субҳи ҷавонии мо»), Алиназар («Айёми алафҳои бегона»), Амир («Ал-Бухорӣ»), Соҳиб («Тӯҳмат»), муфаттиш («Пой»), Акбар («Падари моҳтобӣ»), Норбой («Мусофир»), падар («Дафни гурго-



на»), Соҳиб («Шукрона», Эронфилм). Дар новелла ва намоишномаҳои телевизионӣ низ ҳунарнамоӣ менамояд. А. ҳунарманди пуркору серталаб аст. Симоҳои офаридааш мухталифу ранг ба ранг, хотирмон ва ҷолиби диққат буда, аз маҳорати баланди актёрии ӯ дарак медиҳанд. Ҳадафи асосии эҷодиаш эҳёи қудрати худшиносӣ, солимии ҷомеа, баланд бардоштани маънавиёти мардум мебошад. Ҳамзамон аз с. 1996 муаллими калон, аз с. 2009 дотсент ва мудири кафедраи маҳорати актёрии ДДСТ ба номи М. Турсунзода аст. *Н. Шарипов.*

АБДУЛҚАҲҲО́Р ибни Устоди Қӯқандии Самарқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (нимаи авв. а. 19). А. қитъа ва асарҳои чудогонаро бо анвои хат китобат кардааст. Аз осори хаттотиаш танҳо «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Алишер Навоӣ, ки с. 1809 бо хати хеле зебову хоно китобат шудааст, то мо расидааст. Асари мазкур дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон маҳфуз мебошад. *С. Султонов.*

АБДУЛҚАҲҲО́РИ САМАРҚАНДӢ Исҳоқ (с. тав. номаълум – ваф. 1493), арӯздон ва шоири форс-тоҷик. А. С. аз мардони фозили асраш буда, доир ба илми қофия ва арӯз рисолаи «Арӯзи Ҳумоюн»-ро таълиф кардааст. Ҳарчанд ин рисола дар тақлиди «Ал-Мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ таълиф шудааст, мисолҳои овардаи ӯ аз ашъори шоирони а. 15 қимати таълимию маърифатии асарро зиёд намудаанд. А. С. бо тахалл. «Шариф» низ шеър гуфтааст ва дар рисолаи хеш дар мавриди вазнҳои алоҳидаи арӯз ва ашъораш мисолҳо овардааст.

Ад.: Т о и р о в У., Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам, ҷ. 1, Д., 1994. *У. Тоиров.*

АБДУЛҚАЮ́М ИБНИ ХУДОЙБЕРГА́Н (с. тав. ва ваф. номаълум), хушнавис ва хаттоти тоҷик (нимаи дуюми а. 19). Зодгоҳаш Қӯқанд. Бештар китобҳои дарсиро рӯйнавис мекардааст. «Шарҳи Ҳошияи Қутбӣ» ва «Шамсия»-и Қутбуддини Розӣ аз осори китобати А. мебошад, ки с. 1893 дар Тошканд ба табъ расидаанд. *С. Султонов.*

АБДУЛҚОДИ́Р ибни Сайид Абдулваҳҳоб (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти машҳури форс-тоҷик (а. 15). Аслан аз Хуросон буда, чанд муддат дар дарбори Амир Темур котибӣ кардааст. Бино ба маълумоти «Қомусул-аълом»-и Шарафуддини Сомӣ А. ду китобро китобат карда будааст, ки мутаассифона, то замони мо омада нарасидаанд.

АБДУЛҚОДИ́РИ БАДОЮНӢ ибни Мулукшоҳ ибни Ҳомид мутахаллис ба «Қодирӣ» (1540, Тӯдаи Ҳиндустон – 1595), шоир, мутарҷим ва муаррихи форсизабони Ҳиндустон. Айёми ҷавонӣ ва таҳсилоташ дар Сунбҳал гузаштааст. Дар ш-ҳои Агра ва Басовар зиндагӣ карда, дар хидмати дарбори ҳукмронони ин шаҳрҳо буд. Ҳангоми хидмат дар даргоҳи Акбар (ҳукмр. 1556 – 1605) фаъолияти А. Б. чун таърихнигор ва мутарҷим аз забонҳои арабӣ ва санскрит ривоҷ ёфт. Бо роҳбарӣ ва иштироки ӯ аз забони санскрит китобҳои «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Баҳр-ул-асмор», «Таърихи Кашмир», «Синкҳосинтабасӣ» (бо номи «Номаи хирадафзо») ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума карда шуданд. А. Б. «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёкути Ҳамавиро (1179 – 1229) аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ гардонд. Аз забони арабӣ инчунин аҳодиси набавиро бо номи «Китоб-ул-аҳодис» тарҷума карда, нусхае ба Акбар бахшид. Яке аз таълифоти муҳимми ӯ асари таърихии «Мунтахаб-ут-таворих» аст, ки бо номи «Таърихи Бадоюнӣ» шӯҳрат дорад. Ин китоб таърихи Ҳиндустонро аз замони Маҳмуди Ғазнавӣ то замони зиндагии муаллиф (с-ҳои 90 а. 16) дар бар мегирад. А. Б. дар таълифи китобе оид ба таърихи ислом аз замони Муҳаммад (с) ширкат доштааст. Ду ҷилди ин китобро, ки «Таърихи алфӣ» ном дорад, А. Б. таҳрир кардааст. «Интихоби ҷомеи Рашидӣ» (таҳрири «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ) аз ҷумлаи таҳрирот ва такмилаҳои А. Б. мебошад.

Ад.: С т о р и Ч. А. Персидская литература. Биобиблиографический обзор, т 1, М., 1972.

А. Алимардонов.

АБДУЛҚОДИ́РИ ГЕЛОНӢ ибни Абусолеҳ Мусо ибни Абдуллоҳ ибни Яҳё, маъруф ба Ғавсулаъзам (1076, Гелон – 1168, Бағдод), мутафаккир, мутасаввиф, асосгузори ҷараёни қодирия. А. Г. дар синни 18-солагӣ ба Бағдод омада аз Абузакариёи Табрезӣ илмҳои маъмули замонашро омӯхт, фиқҳу тасаввуфро бағоят хуб медонист. Таълимоти тасаввуфии ӯ ба мазҳабҳои шофеия ва ҳанбалия наздикӣ дошт. Мутобиқи иттилои маъхазҳо А. Г. бештар ба воизӣ машғул буда, дар охири умраш гӯшанишиниро ихтиёр намудааст. Каромоти фаровонеро ба ӯ нисбат медиҳанд. Аз А. Г. мероси гаронбаҳои илмии бисёре боқӣ мондааст, ки асоситаринашон инҳоянд: «Футуҳ-ул-ғайб», «Башоир-ул-хайрот», «Ал-ғаният-уттолибия», «Ал-фатҳ-ур-раббонӣ вал-файз-ур-раҳмонӣ»; «Мулаффазоти қодирия» ва маҷмӯаи номаҳои муаллиф ба унвони «Мактуботу қутб-ил-муҳаққиқин ва ғавс-ул-халоиқ». Тарҷума ва тафсири тоҷикии қавлҳои Шайх Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (ваф. 1095) низ ба қалами А. Г. мансуб мебошад. *М. Султонов.*

АБДУЛҚОДИ́РИ ГӮЯНДА Хоҷа Камолуддин (Низомуддин) ибни Ғайбӣ ибни Айнӣ (1376, деҳаи Нойини вил. Исфаҳон – 1435, Ҳирот), сароянда, навозанда, мусиқидон ва оҳангсози машҳури форсу тоҷик ва шарқ. Бино ба ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ («Тазкират-уш-шуаро»), Дарвешалии Чангӣ («Тӯҳфат-ус-сурур») ва Исфизорӣ («Равзат-ул- ҷиннот…») А. Г. бо шайх Саъдии Шерозӣ қаробати авлодӣ доштааст. Дар 10-солагӣ илмҳои сарфу нахв, маонӣ ва ғ.-ро омӯхтааст. Илми мусиқӣ ва таркиботи онро дар назди падар таълим гирифтааст. Аз ҷавонӣ шеър мегуфт ва оҳанг месохт. Дар навохтани най, уд, чанг, чағона, қонун, рубоб, танбӯр ва ғ. маҳорати том дошт. Дар сози най ихтирооти зиёд намуда («Пешрави дор», «Савти най»), ба ашъори Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва диг. дар жанру шаклҳои мусиқӣ асарҳо офаридааст. «Амали Наср» (ғазали Саъдӣ), «Таронаи Ироқ» (ғазали Қатрон), «Амали Муҳайяр» (ғазали Камол) ба мақомҳои «Рост», «Бузург», «Ироқ», «Дугоҳ» ва «Таснифи Хоҷа Абдулқодир», «Амали Тарона» (ғазали Саъдӣ), «Савти Ушшоқ» (ғазали Ҳофиз), «Мустазоди Наво», «Амали Рост», «Амали Бӯстон», «Амали Гесӯ», «Амали Гулистон», «Амали Хористон» (бар ашъори Саъдӣ) аз ҷумлаи таснифоти машҳури А. Г. мебошанд. Бештари асарҳои назарии А. Г. («Мақосид-ул-алҳон», «Ҷомеъ-ул-алҳон», «Зубдат-ул-адвор», «Лаҳния», «Нағамот-ул-адвор» ва ғ.) аз таърихи пайдоиш, давраҳои инкишофи санъати мусиқӣ, зарбу вазн, даврҳо, созҳои мусиқӣ ва пардаҳои онҳо, тарзи истифодаи зарбу вазнҳои мусиқии форс-тоҷик ва фарқи он аз мусиқии арабӣ, ҷамъу ҷинс, бӯъду иқооти мусиқӣ ва ғ. баҳс менамоянд. А. Г. ба асарҳои мусиқишиносони Юнони Қадим Арасту, Батлимус (Птолемей), Афлотун, Файсоғурас (Пифагор) ва форс-тоҷик Абунасри Форобӣ, Абуалии Сино, Абдулмӯъмини Урмавӣ шарҳу иловаҳо навиштааст. Рисолаҳои му-


сиқии А. Г. тавассути мусиқидонони турк низ тарҷума шудаанд (ин бештар дар замони Султон Валид сурат гирифтааст). Котибони турк ба рисолаҳои А. Г. аз худ иловаҳо дохил кардаанд ва ӯро ба радифи мусиқидонони турк дохил намудаанд. Нусхаҳои комили асарҳои А. Г. дар китобхонаҳои Санкт-Петербург, Бодлиён, Париж, Мадрид ва Британия маҳфузанд. Муаллифи зиёда аз 200 таронаву оҳанг. Мусиқишиносону ҳофизони а. 15 Султон Муҳаммади Удии Самарқандӣ, Қутбуддини Нойӣ, Юсуфи Андиҷонӣ, Абдулмӯъмини Ҳофиз, Ҳофизи Ӯбаҳӣ ва диг. шогирдони ӯ мебошанд. Пас аз ӯ писараш Абдурраҳмон ва набераяш Абдулазиз дар тадқиқу таҳлили таркиботи мусиқӣ анъанаашро идома додаанд.

Ад.: Абдулқодири Мароғаӣ, Мақосид-ул алҳон, Т., 1345; Рачабов И., Мақомлар масаласига доир, Тошкент, 1963; Рачабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои 12 – 15, Д., 1989; Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБДУЛҚОДИ́РИ ҚОРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (нимаи дуюми а. 19 – ибт. а. 20). Дар маҳаллаи Хишткӯпруки Хуҷанд ба дунё омадааст. Аз оилаи коргар. Дар мадрасаи Муҳаммадалихони Қӯқанд таҳсил намуда, илмҳои замонаашро ба хубӣ аз худ намудааст. Аз улфатон ва дӯстони наздики шоир Муқимӣ буд. Гулчини рубоиёти бо қалами ҷалӣ (ғавс) китобаткардаи А. Қ. с. 1912 дар Тошканд ба чопи сангӣ расидааст. Баъзе аз намунаҳои осори китобатнамудааш дар Музейи адабиёти Қӯқанд ва дар дасти шахсони алоҳида маҳфузанд. *С. Султонов.*

АБДУЛҚОДИ́РИ МУҲАНДИ́СИ САМАРҚАНДӢ (1888 – 1934, Самарқанд), меъмор ва кошикори тоҷик. Дар тармими мадрасаи Улуғбек чун меъмор ва кошикор ҳиссаи арзанда гузоштааст. А. ёдгориҳои меъмории Масҷиди Хизр, Мадрасаи нав, муаззинхонаи Қӯшҳавз (Самарқанд) ва ғ.-ро кошикорӣ кардааст. Дар авв. с-ҳои 30 а. 20 бо роҳбарии проф. В. Л. Вяткин харобаҳои кошикории мадрасаи Тиллокориро тармим намудааст. Манораи калони Бухороро низ А. тармим кардааст. Ӯ дар тармим ва ороиши бинои Думаи ш. Санкт-Петербург ва ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна ширкат варзидааст. Дар Регистони Самарқанд аз санг «Соати офтобӣ» сохтааст, ки аз истеъдоди ин ҳунарманд гувоҳӣ медиҳад.

АБДУЛҚОДИРИ СУҲРАВАРДӢ Абунаҷиб ибни Абдуллоҳ (1097, Суҳраварди Эрон – 1167, Бағдод), мутафаккири мутасаввиф, муассиси тариқати *суҳравардия*. Дар ҷавонӣ ба Бағдод омада, улуми расмиро омӯхт. Чанд муддат мутаваллии мадрасаи Низомияи Бағдод буд. Муддате гадоию сақоӣ низ кард. Пас аз ба сӯфигӣ ном баровардан ба воизӣ машғул шуд ва дар ин соҳа шӯҳрати фавқулода пайдо кард. Минбаъд муридонаш тариқати ӯро бо номи суҳравардия маълуму машҳур сохтанд. А. С. дар охирҳои умраш ба Димишқ омад ва дар Бағдод даргузашт. А. С. асарҳои бисёре таълиф кардааст, вале онҳо то ба мо нарасидаанд. Дар асари асосиаш «Одоб-ул-муриддин» усули ақоиди суфиёнро баён карда, тарзи зиндагии обидонаю зоҳидона, мартабаҳои маърифати ботинӣ ва сайру сулуки суфиёнро таҳқиқ намудааст. Пас аз марги А. С. мурид ва бародарзодааш Абулҳафси Суҳравардӣ тариқати ӯро равнақ дод.



Даромадгоҳи Мадрасаи Улуғбек. Тармими Абдулқодири Муҳандиси Самарқандӣ.

АБДУЛҚОДИ́РИ ҲОФИ́З машҳур ба Қодирӣ (1858, Истаравшан – 1943, ҳамон ҷо), сароянда, оҳангсоз, мусиқидон, намояндаи машҳури ҳавзаи Истаравшан. Аз овони ҷавонӣ ба шеъру мусиқӣ ворид шуда, маҳорати сарояндагию навозандагиашро дар ш-ҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд такмил дод. Асосгузори сулолаи мутрибони ҳирфаии Қодириён. А. дар навохтану сурудани шохаҳои созию овозии «Шашмақом» («мушкилот», «наср», «савт», «гардун», «талқин») маҳорати баланд дошт. Барои такмили дониши назариявӣ ва амалӣ бо Қорӣ Каромати Дилкаши Танбӯрӣ (1851 – 1906), Бобо Ҷалол (1845 – 1982), Бобо Ғиёс (1859 – 1927), Ҳоҷӣ Абдулазиз (1852 – 1936), Содирхон (1847 – 1931) ҳамкории эҷодӣ кардааст. А. дар ҳавзаи Истаравшан анъанаи баёзнигории «Шашмақом»-ро идома дода, ба тадвини «Баёзи Абдуқодир» комёб шудааст. Анъанаи сарояндагию мутрибии А.-ро писараш Абдурасули Ҳофиз (1919 – 89) ва набераҳояш Камол ва Ҷамол Қодирӣ идома додаанд.

Ад.: Таджикская музыка, Д., 2003; Ҳакимов Н., Шашмақом дар қарни ХХ, Х., 2006; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *Ё. Одинаев.*

АБДУЛҚОДИ́РИ ЧАЛДИВО́Р (миёнаҳои а. 19, Самарқанд – 1910), меъмор, хишткор, дуредгар ва сангтароши тоҷик. Дар сохтмони девори Масҷиди Қозикалон, Ҳавзи баланд, масҷиди Хоҷа Нисбатдор, баъзе иморатҳои маҷмааи Мақбараи Хоҷа Абдуи Дарун ва мақбараи Хоҷа Дониёр роҳбарӣ кардааст.

АБДУЛҚОДИРХО́НИ ХАТТА́К (1651 – 1704), шоири афғон. Ба забони пушту менавишт. Аз осори А. Х. «Девони ашъор» (3500 байт; Қандаҳор, 1938), «Ҳадиқаи Хаттак», «Насиҳатнома» маъруфанд. Мавзӯи осораш ишқи ирфонӣ, тавсифи ахлоқи ҳамида, ҷавонмардиву далерӣ, мазаммати зулму зӯроварӣ мебошад. «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомиро ба забони пушту тарҷума кардааст. Қиссаи ишқии ҳиндуиасл – «Одамхон ва Дурхонӣ»-ро ба назм даровардааст.

АБДУЛЛАТИ́Ф Мавлоно Абдуллатифи Мастчоҳии Ӯротеппагӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик

(а. 16). Зодгоҳаш Кӯҳистони Мастчоҳ. Барои такмили дониш ба Ӯротеппа рафта, дар мадрасаи Кӯкгунбаз таҳсил кард. Пас аз хатми таҳсил ба мударрисӣ машғул шуд. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо дар солҳои охири умраш ба Тошканд рафт ва дар он ҷо вафот кард. Дар манбаъҳои адабӣ аз муносибати дӯстонаи А. ба Гармии Ӯротеппагӣ маълумот дода шудааст. Аз А. абёти пароканда ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. *С. Султонов.*

АБДУЛЛАТИ́Ф (1423, Ҳирот – 8. 5. 1450, Самарқанд), шоҳзодаи сулолаи темуриён, писари *Улуғбек*. Дар тарбияти А. бобояш *Шоҳрух* ва модаркалонаш *Гавҳаршодбегим* нақши муассире доштаанд. А. дар юришҳои султон бевосита ширкат дошта, пас аз марги Гавҳаршодбегим дар раъси сипоҳи темуриёни Ҳирот қарор дошт. Соли 1447 миёни А. ва шоҳзода Алоуддавла барои касби нуфуз дар Хуросон задухӯрд ба амал омад ва дар ҷанги Нишопур ба дасти рақибаш асир шуд. А. бо дахолати падараш аз асорат озод гардид ва ҳукумати вил. Балхро соҳиб шуд. А. бо ҳадафи соҳиб шудан бар тахти Самарқанд бо ҳамдастии шоҳзодаи темурӣ Абулқосим Бобур ва бекҳои темурӣ алайҳи падараш Улуғбек қиём кард ва баъд аз муборизаи дусола (1449) дар деҳаи Димишқи Самарқанд соҳиби тахт шуд. А. дар таърих бо номи шоҳзодаи падаркуш маъруф аст. Бо ризояти ӯ падараш ва бародараш Абдулазиз Мирзо ба қатл расидаанд. А. пас аз шаш моҳи салтанаташ (1450) ба тавассути навкари хоси Улуғбек ба исми Бобо Ҳусайн Баҳодур кушта шуд. А. шахси худхоҳу шӯҳратпараст, вале дар айни замон аз ихлосмандони улум, таъриху фалсафаву илоҳиёт буд ва гоҳе дар шеър ҳам ҳунарозмоӣ кардааст.

Ад.: Бартольд В. В., Сочинения, т. II, 2. Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии. Улугбек и его время, М., 1964.

Л. Бойматов.

АБДУЛЛАТИ́ФИ БАЛХӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 10). Бино ба маълумоти тазкиранависон, дар ашъори ӯ эҷодиёти даҳанакии халқ ва забони гуфтугӯӣ таъсири зиёд дорад. Аз мероси адабии А. Б. достони «Иброҳими Адҳам» боқӣ мондааст, ки дар он қиссаю ривоят ва каромату хориқулодоти яке аз намояндагони бузурги тасаввуфи ибтидоӣ– Иброҳими Адҳам гирдоварӣ шудаанд.

АБДУЛЛАТИ́ФИ ҲИСОРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хушнавис ва хаттоти тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Ҳисор. Бештар ба сайёҳӣ шуғл варзидааст. Дар шаҳрҳои гуногун аз устодони хушнавис таълим гирифтааст. А. Ҳ. дар ибтидо услуби хати ороишии Намадии Ҳиндиро пазируфта, онро ба хубӣ омӯхтааст. Баъдтар услуби хати *Зиёи Хуҷанди*ро қабул кард. Китобати А. Ҳ. хеле эътибор доштааст, ки хушнависи хуҷандӣ Мирзо Ҳошими Хуҷандӣ ба он баҳои баланд додааст. Хаттотони маъруфи он замон *Абдулғаффор Махдуми Булбул* ва Турдиалӣ аз ҷумлаи шогирдони А. Ҳ. мебошад. Хати зебо ва моҳирона китобатшудаи сақфи бинои ҳозираи Музейи Қӯқанд (арки собиқ) ба қалами ӯ тааллуқ дорад. *С. Султонов.*

АБДУЛЛАТИ́ФИ ҶОМӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар зодгоҳаш ш. Ҷом таҳсил намуда, ба камол расидааст. Аз авлоди Аҳмади Ҷомӣ буд. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо А. Ҷ. аз улуми мутадовили замон – адабиёт, фиқҳ, иншо, забони арабӣ ва ғ. баҳраманд гардида, дар муҳити худ шӯҳрати зиёде доштааст. Барои такмили таҳсил ба кишварҳои Шарқ сафар карда, бо аҳли илму адаб ҳамсӯҳбат шудааст. Дар як байташ мегӯяд:

Дар сафар гаштану ин бесарусомонии мо,
Баҳри ҷамъияти дилҳост парешонии мо.

Мувофиқи маълумоти тазкиранигори а. 16 Хоҷа Ҳасани Нисории Бухороӣ («Музаккир-ул-аҳбоб») А. Ҷ. ба туркӣ низ шеър мегуфтааст. А. Ҷ. бо нигоштаҳои худ дар адабиёти тоҷики а. 16 мақоми баланд дорад. Рубоии зерин аз ӯст:

Хуршеди ҷамоли дӯст тобон шудааст,
Олам зи фурӯғи ӯ гулистон шудааст.
Ҳар зарра, ки дар кавну макон мебинӣ,
Аз партави рӯи дӯст рахшон шудааст.

У. Назиров.

АБДУЛЛАТИ́ФИ ШУШТАРӢ ибни Абутолиб ибни Нуриддин ибни Неъматуллоҳ ал-Ҳусайнӣ ал-Мусавӣ (15. 8. 1755, Шуштари Эрон – 1806 – 07, Ҳайдарободи Ҳиндустон), сайёҳ ва муаррих. А. Ш. ох. а. 18 ба мамолики Эрону Ироқ, Арабистону Ҳиндустон сафар карда, хотироташро дар асаре бо унвони «Тӯҳфат-ул-олам» (1801 – 02) нигоштааст. Китоб арзиши таърихӣ, географӣ, иқтисодӣ, мардумшиносӣ ва тарҷумаиҳолӣ дорад ва аз ду бахш иборат аст: дар бахши аввал доир ба таърихи бостону асрҳои миёнаи Шуштару Ҳиндустон маълумоти пуразриш дода шудааст; бахши дуюм аз мушоҳидот ва хотираҳои А. Ш. дар пайвастагӣ бо таърих, масоили иҷтимоӣ-фарҳангии вилоёти ғарбии Эрон, Ироқ ва Арабистону Ҳинд иборат мебошад. Ин бахш ҳамчунин дар бораи вазъи сиёсии кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна (нимаи дуюми а. 18), ҷанги байни Эрону Россия (1779 – 97), ҳукмронии англисҳо дар Ҳиндустон, истилои Миср аз тарафи франсавиҳо (1798) ва оид ба таърих ва географияи а. 18 Англия, Россия ва Америка маълумоти пуразриш медиҳад.

АБДУЛЛАТИ́ФИ ЯЗДӢ ибни Абдуллоҳи Кабир (с. тав. номаълум – ваф. 1639), луғатнависи форсизабони Ҳиндустон. Дар зодгоҳаш касби камол намуда, сипас ба Ҳиндустон рафт ва дар он ҷо кору зиндагӣ кард. Аз ҷумлаи корҳои мӯътабар ва эътирофшудаи А. Я. фарҳанги тафсириест бо номи «*Латоиф-ул-луғот*». Ин асар фарҳанги тафсирии вожаҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ мебошад. Тамоми калимаҳои «Маснавии маънавӣ» ба кадом забоне, ки тааллуқ дошта бошанд, дар ин асар ташреҳ шудаанд. Асарҳои дигари лексикографӣ, аз ҷумла «Латоиф-ул-ҳақоиқ», «Шарҳи Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноӣ ба қалами А. Я. тааллуқ доранд.

АБДУЛЛАТИФХО́Н (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Моваруннаҳр (1540 – 51) аз сулолаи *Шайбониён*. Дар Самарқанд баъди вафоти Абдуллоҳхони I Шайбонӣ (1539 – 40) ба тахт нишаст. Ҳамин вақт намояндаи дигари сулолаи Шайбониён Абдулазизхон (1540 – 49) дар Бухоро худро хон эълон кард. Дар натиҷа дар Моваруннаҳр духокимиятӣ рӯй дод. А. с. 1551 ҳамроҳи ҳокими Тошкент Наврӯз Аҳмадхон ба муқобили ҳокими Кармина Искандархон лашкар кашид, вале дар корзор аз *Абдуллоҳхони* II (писари Искандархон) шикаст хӯрд. Аз давраи ҳукмронии Шайбониён дар Осиёи Миёна чанд ёдгории меъморие боқӣ мондааст, ки баъзеи онҳоро ба А. нисбат медиҳанд. Яке аз онҳо Кӯкгунбази Ӯротеппа аст.

Ад.: Мухторов А., Город Ура-Тюбе, дар мачм. Археологи рассказывают, Сталинабад, 1959.

Н. Қосимов.

АБДУЛЛО́ ЗОКИ́Р (Зокиров; 1927, деҳаи Қистакӯзи ноҳ. Хуҷанд – 1982, Душанбе), мутарҷим ва рӯзноманигори тоҷик. Хатмкардаи факти забон ва адабиёти тоҷики Ин-ти давлатии педгогии Душанбе (1958) ва шӯъбаи журналистии Мактаби олии партиявӣ дар Алмаато (1964). Дар ВКД, идораҳои Ҳизби коммунистӣ ва журналистӣ, собиқ Кумитаи давлатии Тоҷикистон оид ба нашриёт, полиграфия ва савдои китоб фаъолият кардааст. Баъдан муҳаррири г.

«Комсомоли Тоҷикистон» (1965 – 70), сармуҳаррири редаксияи сиёсии Комитети давлатии телевизион ва радиошунавонии Тоҷикистон, котиби масъули Комитети ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ, сармуҳаррири Комитети давлатии Тоҷикистон оид ба нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, муовини сармуҳаррири муассисаи нашриявии «Ирфон» буд. А. З. ба таълифи осори бадеӣ – ҳикояҳо ва очеркҳо, тарҷума аз с. 1953 сар кард. Ҳикояҳову очеркҳояш дар маҷмӯаҳои «Ҳудуди шуҷоат», «Оби шифобахш», маҷ. «Садои Шарқ», «Памир» ба табъ расидаанд. Ҳикоя ва повестҳои нависандаи рус С. Антонов (1959), романи «Нирмола» ва ҳикояҳои Премчанд (1962), маҷмӯаи ҳикояҳои «Чароғҳои Арарат» (1968), ҳикояҳои Ю. Смуул (1971), асари Р. Ҳамзатов «Доғистони ман» (кит. 1 – 1972, кит. 2 – 1975), асари Л. Первомайский «Таърихи инсоният» (1978), қиссаи С. Шоймерденов «Модарандар» (1976), асари Б. Немсова «Афсонаҳои заррин» (1981) ва ғ.-ро аз русӣ ба тоҷикӣ гардондааст. Бо медали «Барои меҳнати шоён. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1980.

АБДУЛЛО́ ҚАҲҲО́Р (17. 9. 1907, Қӯқанд – 25. 5. 1968, Москва; мадфун дар қабристони Чигатойи Тошканд), нависандаи ӯзбек. Раиси Правлениеи ИН Ӯзбекистон (1954 – 56). Факти шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёнаро хатм кардааст (1934). Фаъолияти эҷодиаш с. 1924 аз таълифи ҳаҷвияҳо ва новеллаҳо огоз ёфтааст. Дар рушди новелла саҳми арзанда дорад. Солҳои 30 а. 20 маҷмӯаҳои ҳикоёти «Ҷаҳон ҷавон мешавад» (1933), «Ҳикояҳо» (1935) ба табъ расиданд, ки дар онҳо зиндагии гузашта ва имрӯза (с-ҳои 30 а. 20) тасвир шудааст. Дар қиссаҳои «Қаҳрамони Дардакӣ» (1942), «Ситораи тилло» (1946) А. Қ. ба мавзӯи ҶБВ (1941 – 45) рӯй овардааст. Сипас, А. Қ. ба мавзӯи ташкили нахустин колхозҳо (хоҷагиҳои дастҷамъӣ) даст зад (романи «Чароғҳои Қӯшчинор», 1946). Дар қиссаҳои «Санговдавак» (1958), «Муҳаббат» (1968) аз ҳаёти деҳоти Ӯзбекистон баъди ҶБВ (1941 – 45) ва зиндагии ҷавонон ҳикоя мекунад. Қиссаи тарҷумаиҳолии А. Қ. «Афсонаҳо аз гузашта» (1965) ба Мукофоти ба номи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ сазовор дониста шуд (1966). А. Қ. яке аз драманависони машҳури Осиёи Миёна эътироф гардидааст. Вай муаллифи мазҳакаҳои «Дар замини нав», «Сӯзании шоҳӣ» (1950; Мукофоти давлатии СССР, 1952), «Дандонҳои дардманд» (1954), «Садо аз тобут» (1962) ва ғ. мебошад. Ба забони тоҷикӣ асарҳои А. Қ. «Санговдавак» (1962), «Афсонаҳо аз гузашта» (1979) тарҷума шудаанд. Драмаи «Сӯзании шоҳӣ», мазҳакаи «Садо аз тобут», намоишномаи «Ҷон модаракон» дар театрҳои Тоҷикистон ба саҳна гузошта шудаанд. А. Қ. асарҳои нависандагони рус А. С. Пушкин, Л. Н. Толстой, Н. В. Гогол, А. П. Чехов ва диг.-ро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Бо ордену медалҳои даврони шӯравӣ ва Ӯзбекистон мукофотонида шудааст. Дар Тошкенту Қӯқанд ба номаш кӯчаҳо ва мактаб вуҷуд дорад. Дар Театри сатираи Тошкент музейи ба номи А. Қ. амал менамояд (аз. с. 1987).

АБДУЛЛО́ МИРЗО́ (1433 – 1451), ҳокими вил. Форс дар Моваруннаҳр (1450–51). Аз сулолаи *Темуриён*. Фарзанди хурдии Иброҳим Мирзо, додари Улуғбек. Баъд аз вафоти падараш ҳокими вил. Форс таъйин гардид. Аз сабаби ноболиғ будани А. М. модараш Руқиябегим дар вилоят ҳукмронӣ мекард. Соли 1447 баъд аз вил. Форсро гирифтани амакбаччааш Султон Муҳаммад Мирзо А. М. ба Ҳирот гурехт. Соли 1448 ба дарбори амакаш Улуғбек омада ба духтари ӯ хонадор шуд. Баъд аз *Абдуллатиф* ба сари тахти Моваруннаҳр нишаст. А. М. дар ҷанг бо даъвогари тоҷу тахт Султон Абусаид Мирзо ҳалок гардид.

АБДУЛЛО́ ҶИН, кошикори тоҷик (а-ҳои 19 – 20). Ҳавлии сангини Хева, Мақбараи Паҳлавон Маҳмуд ва деворҳои дохилӣ ва берунии Арки Кӯҳна (қабулхона ва масҷиди айвондор)-ро кошикорӣ кардааст. Дар кошикорӣ услуби хос дошт. Нақшҳои «гиреҳ» ва «сӯзана»-и дар кошикорӣ истифодабурдаи ӯ ҷолиби диққатанд.

АБДУЛЛОГӢ, навъе аз зардолуҳои маҳаллӣ. Дарахташ зудсабз (то 10 – 12 м қад мекашад), сербар, танааш ғафс (қутраш 120 – 130 см), навдаҳояш сурхтоб. Баргаш (ҳаҷмаш 45×36 мм) дилшакли нӯгтез, дандонадор, тӯртӯри сабз. Авв. апр. гул мекунад. Мевааш лӯнда (вазнаш 35 – 40 г), зарди норинҷӣ, пӯсташ ғафси пашмакдор, хамирак ва сергӯшт. Донакаш калонкалон (вазнаш 3,0 – 3,5г), паҳн; мағзаш пурра ва ширин. Баъди пухтан 14 – 15% қанд ва 0,8 – 0,9% туршӣ дорад. Ниҳолаш пас аз 3 – 4 соли шинонидан самар меорад (тақр. 85 – 90 сол мева медиҳад). Аз дарахти 90-солааш 120 кг ҳосил ғундоштан мумкин аст. Ҳосилашро тар меҳӯранд, хушконида ғӯлинг мекунанд. Ба сармо ва камобӣ тобовар аст. Дар заминҳои санглох ва нишебиҳо хуб месабзад. А. навъи зардолуи нодири водии Зарафшон буда, дарахтони ҷудогонааш дар деҳаҳои Работ, Урметану Рарзи ноҳ. Айнӣ ва баъзе деҳаҳои ноҳ. Мастчоҳ дучор меояд. Аз касалиҳои занбӯруғӣ ва ҳашароти зараррасон зарар мебинад.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935; К о с т и н а К. Ф., Абрикос, М., 1936.

Ф. Ӯрунов.

АБДУЛЛО́ЕВ Абдуманон (тав. 17. 12. 1950, Конибодом), физиолог-биохимик, доктори илмҳои биология (1994), проф. (2007), Узви вобастаи АИ ҶТ (2008). Хатмкардаи фак-ти химияи УДТ (1975). Фаъолияти меҳнатиаш аз кори омӯзгорӣ дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии № 3 ноҳ. Ҷиргатол оғоз гардидааст. Сипас дар з-ди химиявии ноҳ. Исфара кор кардааст. Аспирант (1975 – 78), лаборанти калон (1978 – 89), корманди хурди илмӣ (1980 – 83) ва ходими калони илмии Ин-ти физиология ва биофизикаи растании АИ ҶТ (1983 – 85). Аз с.



Мақбараи Паҳлавон Маҳмуд. Кошикории Абдулло Ҷин.



1985 мудири лабораторияи биохимияи фотосинтези ҳамин институт. Мавзӯи асосии тадқиқоти А. *фотосинтез* ва баланд бардоштани ҳосили кишоварзӣ мебошад. Муаллифи 140 асарҳои илмӣ, аз ҷумла 4 монография. Таҳти роҳбарии А. 1 наф. рисолаи докторӣ ва 10 наф. рисолаи номзадӣ ҳимоя намудаанд. Дорандаи Ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон (1980).

Ос.: Фотосинтетический метаболизм углерода у хлопчатника, Д., 2001; Белок зерна пшеницы возделыванной в условиях Таджикистана (ҳаммуалиф), Д., 2010.

АБДУЛЛО́ЕВ Аҳмад (тав. 15. 3. 1936, деҳаи Бибиширини ноҳ. Бойсуни Ӯзбекистон), адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1984). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1957). Муаллими мактаби миёна дар Бойсун (1957 – 59), аспиранти АИ ҶТ (1959 – 62), ходими илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ ҶТ (1962 – 88), проф. УДТ (1988 – 90), мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ (1990 – 96). Аз с. 1996 проф. кафедраи филологияи Донишкадаи давлатии ш. Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Зиёда аз 10 монография ва 200 рисолаву мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-методӣ таълиф намудааст. А. асосан ба адабиёти форс-тоҷики а-ҳои 11 – 12 ва намояндагони он Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Абулфараҷи Рунӣ ва диг. таваҷҷӯҳи хосса дорад. Дар баробари омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоирону адибони мазкур дар навиштаҳои А. ҷараёни адабии ин қарнҳо, масъалаҳои анвоъ ва услуби шеър, махсусан ашъори ғиноӣ, майлу равияҳои адабӣ, хусусиятҳои иҷтимоии адабиёт, оҳангҳои демократӣ ва оҳангҳои «деҳқонӣ»-и назм, хусусияти адабиёти дарборӣ ва ғ. таҳлилу баррасӣ шудаанд. Бозёфтҳои А. дар омӯзиши осори Рӯдакӣ, кашфи абёти нав, қасидаи «Фиғония»-и Рӯдакӣ ҷолиби диққатанд. А. дар баробари таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти як зумра шоирону нависандагон осори онҳоро низ ба табъ расонидааст. Девони комили Адиб Собири Тирмизии омоданамудааш с. 2001 ба табъ расид ва барои ин кор ӯ ҷоизаи махсуси Президенти ҶИЭ Сайид Муҳаммади Хотамиро гирифт. Аз ох. с.-ҳои 90 а. 20 А.



Абдуллоев Аҳмад.



Абдуллоев Аҳмадулло.

ба омӯзиши масъалаи басо муҳимми адабиётшиносии тоҷику ӯзбек – равобити адабии ин ду халқ дар мисоли Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, Навоӣ ва таваҷҷӯҳаш ба ашъори Рӯдакӣ, Анварӣ, Навоӣ ва шоирони Бадахшон машғул аст. А. натанҳо муҳаққиқи адабиёти классикии форсҳоҷик, балки муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик низ мебошад. Дар бораи С. Айнӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Лоиқ, М. Қаноат, Гулназар, Б. Собир ва диг. мақолаҳои пурмӯҳтаво нигоштааст. Китоби «Мирзо Турсунзода. Шеър ва достонҳо» (бо ҳамкории П. Турсунзода, Д., 1991) намунае аз заҳмати А. дар ин бобат аст. Таҳти роҳбарии А. 10 нафар рисолаҳои номзади илмро дифоъ намудаанд. А. дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок кардааст.

Ос.: Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII (ҳамроҳи С. Саъдиев), Д., 1986; Сабаки Рӯдакӣ, ч-ҳои 1, 2, Д., 1984, 1991; Абулқосими Фирдавсӣ, Д., 1987; Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 9), Д., 1990; Тасаввуф ва намояндагони он, Тошкент, 2009.

М. Диловаров.

АБДУЛЛО́ЕВ Аҳмадулло (1910, деҳаи Каттатоҷики вил. Андиҷони Ӯзбекистон – 13. 9. 1966, Душанбе), сароянда тоҷик, Ҳофизи халқии РСС Тоҷ. (1947). Санъати навозандагӣ ва сарояндагиро аз ҳунарманди номии Андиҷон Қорӣ Камол омӯхтааст. Соли 1930 ба Тоҷикистон кӯчида омад ва то с. 1937 дар собиқ ноҳ. Куйбишев колхозчӣ шуда кор кард. Соли 1937 сароянда ва навозандаи Театри мусиқии ш. Сталинобод (ҳоз. Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ) ва аз с. 1938 то охири умр ҳофизи Филармонияи давлатии Тоҷикистон буд. Суруду оҳангҳои А. ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шудаанд. Истеъдоди баланд ва маҳорати хуби сарояндагии А. махсусан дар иҷрои сурудҳои «Духтари озоди Ватан» (шеъри М. Аминзода), «Баҳори зиндагӣ» (шеъри Р. Озод), «Ба ғайрам» (шеъри Сайидо), «Парвона медонад» (шеъри А. Лоҳутӣ) ва г. зоҳир гаштааст. А. аз «Шашмақом» низ чанд суруд иҷро кардааст, ки онҳо ба навор ва грампластинкаҳо сабт шудаанд. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Воҳид Абдуллоевич (15. 5. 1912, Самарқанд – 30. 7. 1985), адабиётшинос, акад. АИ Ӯзбекистон (1966). Ин-ти педагогии Фарғонаро хатм кардааст (1932). Солҳои 1935 – 43 дар ин-тҳои педагогии Бухоро ва Самарқанд, с-ҳои 1944 – 69 дар Ун-ти давлатии ба номи Навоии ш. Самарқанд мудири кафедраи адабиёти ӯзбек буд. Аз с. 1963 ректори ҳамин донишгоҳ. А. доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Алишери Навоӣ, адабиёти ӯзбек ва густариши он дар Хоразм, таърихи адабиёти а-ҳои 17 – 18 ӯзбек ва ғ. машғул шудааст. Дар баробари тадқиқи адабиёти ӯзбек А. оид ба масъалаҳои равобити адабии тоҷику ӯзбек, баъзе намояндагони адабиёти халқҳои Осиёи Миёна мақолаҳову рисолаҳо таълиф намудааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Ғаффор (тав. 1927, деҳаи Деҳқабули ноҳ. Кӯлоб – 1995, ноҳ. Восеъ), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1973). Хатмкардаи мактаби механизатории хоҷагии қишлоқ (1943). То с. 1949 трактортчӣ, баъд мудири агроқитъа ва аз с. 1963 сардори бригадаи комплексии механизатсиякардашудаи к-зи ба номи Ленини ноҳ. Восеъ буд. Аз с. 1990 нафақагири шахсӣ. Бригадаи А. с-ҳои 1971 – 72 аз ҳар га 43 сентнерӣ ҳосили пахта рӯёнидааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 8 – 9). Бо ордени Ленин, 2 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Давлатбек (1918, деҳаи Новдонаки Рашт – 2008, ноҳ. Вахш), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1949). Колхозчии колхози «Роҳи Ленин»-и ноҳ. Октябр (1935 – 42). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1942 – 45), сардори звено ва бригадаи пахтакории колхози «Коммунизм»-и ноҳ. Октябр (1946 – 50). Хатмкардаи (ғоибона) фак-ти агрономии Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1970). Звенои А. с-ҳои 1947 – 48 ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах гирифтааст. Бо орденҳои Ленин, Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи II), «Ситораи Сурх», Шараф (дараҷаи II) ва медалҳои тиллову нуқраи НКХХ СССР сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Зафар (18. 5. 1925, Ёва, уезди Хуҷанд – 1998, Хуҷанд), яке аз барқароркунандагони сохти советӣ дар Тоҷикистон. Агрономи хизматнишондодаи РСС Тоҷ. Мактаби ҳизбии назди КМ ПК


Абдуллоев Давлатбек.


Абдуллоев Ибодулло.

Тоҷикистонро (1960) хатм кардааст. Соли 1938 ҳамроҳи падараш ба водии Вахш кӯчид. Соли 1943 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, ҳамчун аскари қаторӣ дар ҳайати Фронти 1-и Назди Балтика зидди фашистон ҷангидааст. Дар яке аз муҳорибаҳо мачрӯҳ шуда ба зодгоҳаш баргаштааст. Солҳои 1945 – 51 табелчӣ, сипас муҳосиб дар к-зҳои ба номи Сталин ва «Қизил Аскар» ноҳ. Ворошиловобод, 1951 – 57 котиби ҳизбии к-зҳои ба номи Сталин ва Хрушеви ҳамин ноҳия, 1960 – 76 раиси к-зи «40-солагии Октябр», 1974 – 76 директори з-ди пиллахушккунӣ, 1979 – 87 раиси к-зи ба номи М. Горкийи ноҳ. Колхозобод. Аз с. 1987 нафақагир буд. Бо орденҳои Ленин, Револютсияи Октябр, Байраҳи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи 1), медалҳо, Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Ибодулло Эрмуродович (9. 12. 1918, деҳаи Қарақчикуми ноҳ. Конибодом – 2007, Душанбе), дирижёри тоҷик, Артисти халқии РСС Тоҷ. (1974), Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷ. (1968). Хатмкардаи интернати мусиқӣ (1930) ва Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд (1933), Омӯзишгоҳи мусиқии назди Консерваторияи давлатии Москва (1939). Ҳамзамон с-ҳои 1937 – 39 скрипканавози оркестри симфонии Театри Револютсия (ҳоз. Театри ба номи В. В. Маяковскийи Москва) буд. Солҳои 1939 – 46 дар хизмати ҳарбӣ. Муддате скрипканавози оркестри симфони Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик буд. Солҳои 1947 – 50 дар шӯъбаи миллии назди Консерваторияи давлатии Москва (дар синфи дирижёри оркестри симфонӣ) таҳсил намуд. Соли 1950 ба Тоҷикистон баргашта, дар Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ дар вазифаи дирижёрӣ фаъолият кардааст. Аз с. 1970 роҳбари бадеӣ – саррежиссёри ҳамин театр буд. Таҳти роҳбарии А. мусиқии операҳои классикони рус ва ҷаҳон – А. С. Драгомижский («Русалка», 1951), Ҷ. Верди («Травиата», 1951, «Аида», 1964, «Отелло», 1965), Ш. Гуно («Фауст», 1957), А. Бородин («Княз Игор», 1958), П. Чайковский («Моткаи қарамашшоқ», 1966), С. Рахманинов («Алеко», 1968) ва ғ. иҷро шудаанд. Балетҳои «Кӯли қувон», «Франческа ва Рамини», «Шелкунчик», «Нозанини хуфта»-и П. И. Чайковский, «Жизел»-и А. Адан, «Шопениана»-и Ф. Шопен, «Дон Кихот»-и А. Минкус, «Эсмиралда»-и Ҷ. Пуни, «Золушка»-и С. Прокофев, «Офариниши олам»-и А. Петров ва ғ. таҳти роҳбарии мусиқии ӯ саҳнавӣ гардидаанд. А. нахустин таҳиягари опера ва балетҳои тоҷикист. Таҳияи мусиқии операҳои «Пӯлод ва Гулрӯ»-и Ш. Сайфиддинов (1956), «Армуғони пуразриш»-и А. Ленский (1957), «Шӯриши Восеъ»-и С. А. Баласанян (таҳрири дуввум, 1958), «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ (1959), «Шерак»-и С. Ҳамроев (1970), «Сарбозони халқ»-и Д. Дӯсмуҳаммадов (1984), балетҳои «Дилбар»-и А. Ленский (1954), «Лола»-и С. Урбах ва С. Баласанян (1957), «Писари Ватан»-и Ю. Тер-Осипов (1967), «Темурмалик»-и М. Ашрафӣ (1970), «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян (1974), «Марги судхӯр»-и Т. Шаҳидӣ (1978) ва ғ. ба қалами А. тааллуқ доранд. А. иштирокчии даҳаҳою ҳафтаҳо ва рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Россия (1967), Ӯзбекистон (1968), Литва (1970), Қирғизистон (1976) буд. Аз с. 1950 дар Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе ва аз с. 1968 дар фак-ти санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (ҳоз. ДДСТ ба номи М. Турсунзода, аз с. 1981) дарс додааст. Бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

Ад.: Афсаҳзод А., Субҳи муродбахш, дар кит. Зиндагӣ дар саҳна, Д., 1984.

АБДУЛЛО́ЕВ Камол Наҷмиддинович (тав. 21. 2. 1950, деҳаи Навобод, ноҳ. Ғарм), муаррих, доктори илмҳои таърих (1993). Хатмкардаи фак-ти таърихи УДТ (1972), аспиранти Ин-ти таърихи СССР-и АИ СССР (Москва, 1981). Корманди Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ РСС Тоҷ. ба номи Аҳмади Дониш (1975 – 89), муҳаққиқи Ин-ти тадқиқоти сиёсӣ (собиқ Ин-ти таърихи ҳизби коммунисти Тоҷикистон), устоди ДМТ (1975 – 93). Аз с. 1993 муҳаққиқ ва пажӯҳишгари мустақил, тарроҳ ва ширкаткунандаи чандин барнома ва тарҳҳои илмӣ-пажӯҳишӣ дар марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва донишгоҳҳои ШМА, Англия, Канада ва кишварҳои диг. Аз с. 1955 А. ба ҳайси муҳаққиқ ва проф. улуми таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ бо донишгоҳҳои ШМА ҳамкорӣ дошт. Тадқиқот ва пажӯҳишҳои А. асосан ба мавзӯъҳои таърихи нави давлатҳои Осиёи Марказӣ (аз ҷумла Тоҷикистон ва Ӯзбекистон), таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар даҳаҳои охир, муносибатҳои байналмилалӣ ва муҳоҷират бахшида шудаанд.

Ос.: Оружием печатного слова, Д., 1989; Луғати таърихи Тоҷикистон, Лондон, 2002 (ба заб. англисӣ, ҳаммуаллиф; Политика компромисса. Мирный процесс в Таджикистане (Accord, вып. 10), Лондон, М., 2001; Насколько прочен мир в Таджикистане пять лет спустя после подписания соглашения, Лондон, 2003.

Л. Бойматов.

АБДУЛЛО́ЕВ Мирзосаид (номи аслиаш Сергей, номи падараш Константин, 1882, Оренбург – 1928, Душанбе), яке аз муборизони фаъоли пойдор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аз оилаи коргари рус. Баъди вафоти падараш ба Тошкент омада, ба дастаи сайёри дорбозону масхарабозон ҳамроҳ шуд. Бо ҳамин гурӯҳ ба Ҳисор омад. Аз ҳамон вақт номи Саидро гирифт. Ба ғайр аз забони модарӣ (русӣ) забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро хуб медонист, бинобар ин дар мактаби маҳаллӣ зуд хати арабиро аз худ кард. Минбаъд тарҷумон ва мирзои беки Ҳисор ва аз амалдорони Душанбе буд. Аз ин рӯ то инқилоб дар байни мардум бо номҳои Мирзо Муҳаммад Саид ва Саиди тилмоч машҳур буд. Янв. 1913 ба балвои рӯҳониёни Ҳисор зид баромада, ба деҳаи Дастгираки Ёвон бадарға шуд. Ба Душанбе баргашта, ба духтари ҳунарманди маҳаллӣ Абдуллои читгар хонадор шуд (аз ҳамин вақт Абдуллоев). Баъди инқирози аморати Бухоро ва ба Ҳисор омадани экспедитсияи ҳарбию сиёсӣ А. раиси Комитети револютсионии Душанбе (1921 – 23) буд. Дар ин вазифа ӯ дар тарғиби ғояҳои инқилобӣ, барҳам задани боқимондаҳои феодалӣ, ба амал овардани ислоҳоти аграрӣ ба манфиати деҳқонони меҳнаткаш корҳои бисёреро ба анҷом расонд. 18 июли 1922, баъди аз дастаи Анварпошшо озод карда шудани Душанбе, А. раиси Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ оид ба ташкили Комитети револютсионии вил. Душанбе таъйин шуд, минбаъд – узви комиссияи диктаторӣ – сардори комитети револютсионӣ, узви комиссияи таъмини хӯрокворӣ барои Армияи Сурх, узви Комиссия оид ба муборизаи зидди босмачигӣ

дар полки 10-уми савора буд. Солҳои 1924 – 25 раиси Суди халқии вил. Душанбе, дар як вақт сардори Управленияи милитсияи Бухорои Шарқӣ. Дар охирҳои умраш А. дар шӯъбаи махсуси корпуси 13-уми тирандозӣ хизмат карда, дар барҳам додани босмачигӣ ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ фаъолона иштирок дошт.

И. Келдиев, Ш. Юсуфов.

АБДУЛЛО́ЕВ Музаффар Мансурович (тав. 6. 6. 1967, Конибодом), арбоби низомӣ, генерал-майор (2004). Хатмкардаи Донишкадаи олии ҳарбии автомобилии ш. Уссурийск (1988) ва Академияи ҳарбии автомобилии Россия (2000). Солҳои 1988 – 92 сардори шӯъбаи автомобилӣ дар қисмҳои низомии Иттифоқи Советӣ (Ленинград), 1992 – 93 командири рота дар Артиши Тоҷикистон, 1993 – 95 сардори шӯъбаи автомобилии Коллеҷи ҳарбии Тоҷикистон, 1995 – 97 муовини командир ва командири қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ, 2001 – 05 сардори Ситоди қӯшунҳои хушкигард, муовини вазири мудофиаи ҶТ, 2005 – 06 сардори раёсати Вазорати мудофиаи ҶТ, 2006 – 07 муовини раиси Комитети давлатии сарҳади ҶТ, 2007 – 08 сардори раёсати Комитети давлатии амнияти миллии ҶТ, 2008 – 2010 сардори шӯъбаи Сариддораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати ҶТ. Аз с. 2010 нафақагир.

АБДУЛЛО́ЕВ Нурулло (Нуруллои Абдулло) (тав. 6. 11. 1948, деҳаи Лучоби ноҳ. Варзоб), актёр ва драматург, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2005). Хатмкардаи шӯъбаи актёрии Донишкадаи ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1975). Фаъолияти меҳнатиаш ҳанӯз ҳангоми донишҷӯӣ ба сифати коргари саҳна дар Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ шурӯъ шуда, аз с. 1975 чун актёр ва режиссёр дар театри номбурда фаъолият менамояд. А. маҳорати баланди ҳунарӣ дорад, ҷаҳони ботинии қаҳрамононашро хуб дарк мекунад ва амиқ мекушояд. Дар саҳнаи театр беш аз 150 рол бозидааст. Ролҳои беҳтаринаш дар театр: Муфаттиш («Бадқасд»-и А. Чехов), Аврангзеб («Зебуннисо»-и М. Шералӣ ва Ш. Қиёмов), Ноиби қозикалон («Алломаи Адҳам ва дигарон»-и С. Улуғзода), Леонидик («Марати бечораи ман»-и А. Арбузов), Гратсио («Ҳамлет»-и У. Шекспир), Шокиров («Раъно»-и Н. Исломов), Абдулло («Қиёми Лоҳутӣ»-и А. Атобоев), Вахтанг Мебуке («Вақте ки шаҳр хуфта буд»-и А. Чхаидзе), Кре-



Абдуллоев Нурулло.



Абдуллоев Сайдулло.

онт («Шоҳ Эдип»-и Софокл), Моҳрӯй («Ғуруби Ачам»-и Ҷ. Қуддус), Амир Наср («Шоҳ Исмоили Сомонӣ»-и М. Бахтӣ), А. Раҳимбоев («Драмаи миллат»-и С. Айюбӣ) ва ғ. Дар театри драмаи русии ба номи В. Маяковский низ як силсила ролҳо бозидааст. Ҳамчун актёри кино истеъдодаш дар бисёр филмҳои бадеии тоҷикӣ, аз қабили «Тирпаронӣ дар ағба», «Дом барои шаҳолон», «Духтарони «Суғдиён», «Нахи нуқратоб», «Марди роҳ» ва ғ. зуҳур кардааст. Дар киностудияҳои ИДМ ва Эрон низ ролҳо бозидааст. А. дар филмҳои телевизионии тоҷикии «Тақвими интизорӣ», «Зистан мехоҳад», «Оғози умри ҷовид», «Ҷомӣ ва Навоӣ», «Дар орзӯи падар» ва ғ. ролҳои хотирмон ичро кардааст. Беш аз ду даҳсола барандаи барномаи телевизионии «Бегараз панд» мебошад. Муаллифи асарҳои калонҳаҷми драмавии «Кӯҳистонӣ», «Афсонаҳои мӯйсафед», «Ҷег зан, Искандарата», «Хонадомод», «Кучо равонаем?», «Шикасти умед», «Ҷанҷоли сари пода» ва ғ. мебошад. Пйесаҳояш на танҳо дар театрҳои ҷумҳурӣ, балки дар театрҳои ш-ҳои Москва, Налчик, Хабаровски Федератсияи Россия, Токио ба саҳна гузошта шудаанд. Як қатор пйесаҳои калонҳаҷми адибони хориҷиро ба тоҷикӣ гардондааст. Аз с. 1994 узви ИН Тоҷикистон мебошад. Бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардидааст.

Ос.: Кӯргирех, Д., 2001; 21 танзи қарни 21, Д., 2010.

Ё. Назармамадов.

АБДУЛЛО́ЕВ Пӯлод Абдуллоевич (1906, қиш. Кӯлканди ноҳ. Исфара – 1983, ҳамон ҷо), ходими давлатӣ. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти меҳнатиаш аз 12-солагӣ шурӯъ шуд. Соли 1924 ба сафи комсомол дохил шуда, курсҳои мактаби партиявию советӣ ва педагогии Самарқанд (1925 – 26), Ун-ти коммунистии Осиёи Миёна (1932), курсҳои олии сохтмони советии назди КИМ-и СССР (1937), Мактаби олии ташкилотчиёни партиявии назди КМ ВКП (б) (1942 – 43)-ро хатм кардааст. Солҳои 1927 – 28 котиби Комитети комсомолӣ, 1928 – 31 раиси комиҷроияи ноҳ. Исфара, 1933 – 36 ҷонишин, баъд раиси комиҷроияи ноҳ. Ҷиликӯл, с. 1938 котиби Комиҷроияи ш. Душанбе, баъд парторги КМ ПК (б) Тоҷ., 1938 – 40 раиси Суди олии республика, 1940 – 43 котиби КМ ПК (б) Тоҷ., 1943 – 61 вазири назорати давлатии республика ва ҷонишини раиси Комиссияи назорати советии Совети Вазирони РСС Тоҷ. Аз с. 1961 нафақагири шахсӣ. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, 4 ордени «Нишонаи Фахрӣ», медалҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Дар зодгоҳаш нимпайкара ва кӯчаеро ба ёдбуди А. гузоштаанд.

Л. Бойматов.

АБДУЛЛО́ЕВ Сайдулло (18. 2. 1945, Хуҷанд – 12. 5. 2001 ҳамон ҷо), муаррих, доктори илмҳои таърих (1996), проф. (1994). Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1967). Солҳои 1967 – 74 муаллим, муаллими калон, 1974 – 92 дотсент, муовини декан, декани факти таърихи ҳамин донишкада, 1992 – 95 ноиби ректор ва аз с. 1995 то охири умр ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров буд. А. доир ба масъалаҳои рушди илм, маорифу фарҳанг дар Тоҷикистон ва умуман Осиёи Марказӣ зиёда аз 350 таълифоти илмӣ, илмӣ – оммавӣ ва публитсистӣ ба табъ расондааст. Перомуни ҳаёту фаъолияти фарзандони номвари миллат Исмоили Сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров ва диг. китобу рисолаҳои ҷолиб навиштааст.

Ос.: Фидоии илму маърифат, Х., 1997; Фарзанди замон, Х., 1997; Рост культуры Таджикистана в 30-е годы, Х., 1998; Академик Бобоҷон Ғафуров, Х., 1998; Амир Исмоили Сомонӣ, Х., 1998; Амирони Сомонӣ, Х., 1999; Илм ва фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи аввали қарни XX, Х., 1999; Нақши умр, Х., 2002.

С. Гуломшоев.

АБДУЛЛО́ЕВ Сайфиддин (1908, Исфара – 1983, ҳамон ҷо), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1957). Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1956). Чоряккор (1924 – 1928), корманди шӯрои маҳаллӣ (1928 – 31), таҳсил дар курсҳои олии педагогии Тошканд (1932 – 33), котиби комитетҳои комсомолии ноҳияҳои Исфара ва Куйбишев (1933 – 37), муҳаррири рӯзномаи «Коммунисти Исфара» (1937 – 38), муовини директор ва сардори шӯъбаи сиёсии Ст-и мошину тракторҳо (1938 – 45), муовин ва раиси хоҷагии ба номи Ленини ноҳ. Исфара (1946 – 65). Аз с. 1965 нафақагири шахсӣ. Бо ордени Ленин, медалҳо ва Грамотаҳои Фах-



Абдуллоев Сайфиддин.



Абдуллоев Тоҷибой.

рии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Сайфулло (1899, Хоруғ – 1938), ходими ҳизбию давлатии Тоҷикистон. Аз муборизони барқарор кардани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Солҳои 1912 – 15 дар мактаби русии маҳаллии ш. Хоруғ таҳсил кардааст. Солҳои 1916 – 18 дар хизмати армияи подшоҳӣ дар Помир буд. Баъди ғалабаи Ҳокимияти Советӣ дар Помир с-ҳои 1918 – 26 аввал дар сафи отрядҳои револютсионӣ узви комиссияи фавқулода оид ба муборизаи зидди ҳаракати аксулинқилобӣ, ҳаннотӣ ва балвогарӣ, баъд раиси Комитети револютсионии ВМКБ, 1926 – 28 мудири шӯъбаи тарғиб ва ташвиқи Бюрои ташкилоти ПК (б) Ӯзб. дар РАСС Тоҷ., прокурори ВМКБ буд. Соли 1928 ВКП (б) А. дар вазифаи ҳизбӣ (ҳизби коммунист) ба корхонаҳои саноатии Урал фиристод. Солҳои 1929 – 36 котиби масъули Комитети ҳизбии округи Ҳисор, мудири шӯъбаи кадрҳои КМ ПК (б) Тоҷ., комиссари халқии зироати республика, котиби КМ ПК (б) Тоҷ., раиси Комиссияи Марказии назорат ва комиссари Инспексияи коргару деҳқон, 1936 – 37 котиби дуюми КМ ПК (б) Тоҷ. Борҳо аъзои КИМ-и РСС Тоҷ. интихоб гардидааст. Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Саттор (1924, деҳаи Яхшиободи ноҳ. Регар – 1972, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Ҳисобчии бригада (1940 – 42), сардори звено ва бригада (1943 – 52), ҳисобчӣ ва колхозчии к-зи «Ленинизм»-и ноҳ. Ҳисор (1953 – 68). Звенои А. ҳосили фаровони пахта гирифтааст. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛОЕВ Тоҷибой (1922, деҳаи Ғӯлакандози ноҳ. Пролетар – 2000, ноҳ. Шаҳринав), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 45). Колхозчӣ (1940 – 42). Солҳои 1946 – 65 сардори звенои пахтакорӣ ва аз с. 1966 сардори бригадаи пахтакории колхози Ленини ноҳ. Ҳисор буд. Аз с. 1983 нафақагир. Звенояш ҳосили баланди пахта гирифтааст. Бо ордени Ленин, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Убайдулло (тав. 1927, деҳаи Олтинсуюқи вил. Фарғонаи Ӯзбекистон), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Устоди пахтаи Тоҷикистон (1962). Сардори звено (1944 – 52) ва бригадаи пахтакорӣ (1953 – 67), механики к-зи «Ленинград»-и ноҳ. Ленин (1968 – 1983). Аз с. 1984 нафақагири шахсӣ. Ҳоло дар ноҳ. Рӯдакӣ иқомат мекунад. Бригадаи А. с-ҳои 1960 – 62 механизатсиякунонии комплексии парвариши пахтаро ҷорӣ карда, ҳосили фаровон гирифтааст. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Файзулло (1952, деҳаи Нишораки ноҳ. Москва), генералмайори милитсия. Ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1979) ва Мактаби олии милитсияи ВКД ҶТ (1993). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи Советӣ (1970 – 72), сафари хизматии дарозмуддат дар Афғонистон (1982 – 84). Солҳои 1984 – 90 ваколатдори фаврии Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ, 1990 – 92 сарваколатдори фаврии Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ, 1992 – 93 сардори шӯъбаи Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ, 1993 – 95 муовини сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ. 1995 – 96 сардори ШКД ш. Конибодоми вил. Суғд, 1996 – 97 муовини сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ, 1997 – 2000 сардори ШКД ноҳ. Фрунзеи ш. Душанбе, 2000 – 03 сардори ШКД ноҳ. Ленин, 2003 – 05 сардори Раёсати муборизаи бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД ҶТ, 2005 – 06 муовини аввали директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ буд. Аз с. 2006 сардори Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ дар вил. Суғд. Бо ордени Спитамен (дараҷаи 1) ва диг. медалҳо сарфароз гардидааст.





Абдуллоев Убайдулло.



Абдуллоев Хайрулло.

АБДУЛЛО́ЕВ Файзулло (1954, ноҳ. Фархор – 1993, Душанбе), генералмайори милитсия (1993, пас аз вафот). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педгогии Душанбе (1977) ва Мактаби милитсияи ВКД СССР дар Тошканд (1989). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи Советӣ (1977 – 79), нозири кор бо ноболиғони шӯъбаи кофтукови ҷиноятии Раёсати корҳои дохилии ш. Душанбе (1979 – 88), сардори Шӯъбачаи милитсияи Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳ. Рӯдакӣ (1988 – 90), муовини сардори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳ. Исмоили Сомонӣ (1990 – 91, сардори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳ. Ҳисор (1991 – 92). Аз 26. дек. 1992 командири баталиони таъйиноти махсуси ВКД ҶТ буд. Бо медалу ифтихорномаҳои давлатӣ сарфароз гардидааст.



АБДУЛЛО́ЕВ Хайрулло (тав. 1. 2. 1930, ш. Кӯлоб – 2009, ш. Душанбе), композитори тоҷик, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷ. (1986). Мусиқии халқиро аз падар, сипас аз устодони машҳури санъати мусиқии халқӣ С. Вализода, С. Каримов, С. Султонов ва З. Қаландаров омӯхтааст. Солҳои 1942 – 52 ғижакнавози Театри мусиқии драмаи Кӯлоб буд. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе (1953) ва Консерваторияи давлатии Москва (1958). Муаллими Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе (1958), муҳаррири калон ва сармуҳаррири Сарредаксияи барномаҳои мусиқии студияи телевизиони тоҷик (1960 – 65 ва 1968 – 78), роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон (1978 – 80). Аз с. 1980 муҳаррири коллегияи репертуарӣ-редаксионии Вазорати фарҳанги ҶТ.

Эҷодиёти А. обуранги хоси миллӣ дошта, аз анъанаҳои мусиқии халқии тоҷикӣ ва фолклор баҳра бардоштааст. Асарҳои ӯ саршори самимият, лиризми дилнишин ва нафосати хоси мусиқист: трио барои скрипка, виолончел ва фортепиано (1956); кантатаи «Садои Осиё»; консерт барои скрипка ва оркестри симфонӣ (1958); симфониэтта (1963), достонҳои вокалӣ-симфонии «Нолаи Таҳмина» аз рӯйи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1967), «Ахтари инқилоб» (шеъри С. Айнӣ, 1976), «Роҳи хирад» (шеъри Ҳ. Ғоиб, 1985); 4 рақси симфонӣ (1973); сюитаҳои рақсии «Ҷои Душанбе», «Сюитаи рақсӣ» (барои ансамбли «Лола»), сюитаҳои вокалӣ-инструменталии «Таронаи Вахш», «Навоҳои кӯлобӣ», мусиқӣ барои драмаҳои мусиқии «Карим Девона»-и Т. Аҳмадхонов, «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар, инчунин намоишномаҳои «Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ, «Хазони зери по»-и Ф. Ғуломова, «Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғ. Абдулло (бо ҳамроҳии А. Одинев), «Дохунда»-и Ҷ. Икромӣ, «Чанори гӯё»-и Б. Раҳимзода ва ғ. А. муаллифи як силсила сурудҳо мебошад: «Эй дил» (шеъри А. Лоҳутӣ), «Аскарбача» (шеъри А. Қодирӣ), «Духтари помирӣ» ва «Душанбе» (шеърҳои М. Ҳайдаршо), «Марҳабо» (шеъри Б. Раҳимзода), «Суруди Душанбе» ва «Дӯстии тоҷикону Хитой» (шеърҳои А. Қодирӣ), «Наврӯзи Душанбе» (барои хори бачагона), «Эй ёр, кучо рафтӣ» (шеъри Ҷалолуддини Румӣ), «Тоҷик ҳама чосту Тоҷикистон яктост» (шеъри Гулназар), «Дидам Ватанам» (шеъри Н. Бақозода), «Ушшоқи Анзоб» (шеъри С. Аюбӣ) ва ғ. А. ҳамчунин ба услуби овозхонии акапелла зиёда аз 25 асар таълиф кардааст, ки «Дил дигар», «Ҳавои чаманам орзуст», «Кӯҳи Ҳисор», «Сад доғ», «Регравон» аз чумлаи онҳоанд. А. оҳангсози навовар ва соҳибистеъдод буда, анъанаи бойи санъати мусиқии классикӣ, халқӣ ва муосирро дар эҷодиёташ моҳирона истифода кардааст. Бо Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2004) ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИК (аз 1963).

Ад.: Композиторы Таджикистана, Д., 1987; Композиторы и музыковеды Таджикистана, Д., 2010.

АБДУЛЛОЕВ Ҳабибулло Одинаевич (тав. 19. 8. 1946, деҳаи Бӯстонаки тобеи ш. Ваҳдат), физики тоҷик, доктори илмҳои физикаю математика (1992), проф. (1996), Арбоби илм ва техникаи ҶТ (2009). Соли 1968 УДТ-ро хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсент ва проф. кафедраи физикаи назариявӣ кор кардааст. Аз с. 1996 мудири кафедраи номбурда. Оид ба назарияи сохторҳои ғайрихаттии системаҳои магнитӣ тадқиқот бурда, тасвири назариявии бархӯрди ғайричандирии солитонҳо, сохтори ҳолатҳои умумикардашудаи когерентиро нисбат ба гурӯҳҳои SU (2S+1) пешниҳод намудааст. Муаллифи якчанд рисола, китобҳои дарсӣ ва зиёда аз 200 мақолаҳои илмию методӣ.

Ос.: Классические нелинейные модели в теории конденсированных сред, Д., 1989.

АБДУЛЛО́ЕВ Ҳамидҷон (20. 7. 1945, деҳаи Рӯмони ноҳ. Хуҷанд), биолог, доктори илмҳои биология (1990), проф. (1997), узви вобастаи АИ ҶТ (2001). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1966). Ассистенти кафедраи ботаникаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1966 – 67), аспиранти Ин-ти физиология ва биофизикаи растаниҳои АИ ҶТ ва Ин-ти физикаи биологии АИ СССР (ш. Москва, 1967 – 70), ходими хурд (1970 – 73) ва калони илмӣ (1973 – 75), мудири кабинети микроскопи электронии Ин-ти физиология ва биофизикаи растаниҳои АИ ҶТ (1975 – 79), мудири Озмоишгоҳи генетикаи фотосинтез ва маҳсулнокии растаниҳо (1980 – 2003), ҷонишини директор оид ба корҳои илмии Ин-ти физиологияи растанӣ ва генетикаи АИ ҶТ (2003 – 05). Аз с. 2005 акад.-котиби Шӯъбаи илмҳои биология ва тибби АИ ҶТ. А. олими шинохтаи соҳаи физиологияи растанӣ, генетика ва селексияи пахта буда, оиди омӯзиши генетикаи *фотосинтез,* коркарди тест-аломатҳои физиологӣ, беҳтар намудани фаъолияти фотосинтез бо мақсади баланд бардоштани ҳосили зироати кишоварзӣ тадқиқот анҷом додааст. А. якҷоя бо Ш. Т. Бурнашев чанд навъи зудрас, серҳосил ва ба касалии вилт тобовари пахтаи миёнаҳахро кашф намудааст («Гулистон», «Гулистон-2», «Шавкат-80»), ки дар хоҷагиҳои пахтакори ш. Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Фархор, Хуросон ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кишт мешаванд. А. муаллифи 150 таълифоти илмӣ, аз ҷумла як монография, ду шаҳодатнома ва ду патент барои ихтирои навъҳои пахтаи миёнаҳах аст. Таҳти роҳбарии ӯ 9 нафар рисолаи номзадӣ, 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намудаанд. Бо унвони «Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон» (1999) сарфароз гаштааст.



Ос.: Индексы фотосинтеза в селекции хлопчатника, Д., 2001; Методы селекции растений, Д., 2002.

АБДУЛЛО́ЕВ Ҳасан (тав. 21. 9. 1952, Душанбе), физики тоҷик, доктори илмҳои физикаю математика (2000), проф. (2002). Соли 1974 УДТ-ро хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати ходими илмӣ, ходими калон, ходими пешбари илмӣ, мудири лабораторияи проблемавии физикаи мустаҳкамии полимерҳо кор кардааст. Солҳои 1988 – 2002 дотсент ва проф. кафедраи физикаи ҷисмҳои сахт, муовини декани фак-ти физика, 2007 – 09 декани факти физика буд. Аз с. 2009 мудири кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти ДМТ. Доир ба сохтор ва хосиятҳои реомеханикии полимерҳо тадқиқот бурдааст. Қонуниятҳои умумии тағйироти сохтори сополиэфирҳои моеъкристаллиро ҳангоми таъсири омилҳои беруна дар робита бо хосиятҳои реологӣ ва механикӣ муайян карда, роҳҳои ҳосил намудани полимерҳои мустаҳкам ва дорои хосияти хуби деформатсионӣ пешниҳод намудааст. Муаллифи рисола, дастурҳои таълимию методӣ ва зиёда аз сад мақолаҳои илмию оммавӣ. Бо ордени Шараф дараҷаи 2 мукофотонида шудааст (2010).

Ос.: Дискретный спектр физических свойств и природа разрушения полимеров, Д., 2005.

АБДУЛЛО́ЕВА Бибизумрад (1919, деҳаи Куркати ноҳ. Нов – ноҳ. Ҷалолиддини Румӣ), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957). Колхозчӣ, сардори звено ва бригадаи к-зи ба номи Телмани ноҳ. Колхозобод (1937 – 72). Аз с. 1973 нафақагири шахсӣ буд. А. с-ҳои 1948 – 50 аз ҳар га замин 35 – 41 сентнер ҳосили пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо ду ордени Ленин, орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛО́ЕВА Гулсара Сангиновна (тав. 2. 2. 1948, ноҳ. Шаҳринав), актрисаи тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи Инти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи Москва (1971). Аз с. 1971 актрисаи Театри давлатии чавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов. А. образҳоро содаву самимӣ ва бо маҳорати баланд мео-

фарад. Дар саҳнаи театр бештар аз 100 рол офаридааст, ки беҳтаринашон инҳоанд: Сайёрахонум («Робиаи Балхӣ»-и А. Атобоев, 1974), Васса Железнова («Васса Железнова»-и М. Горкий, 1976), судя-модар («Арӯс ва домод»-и М. Байҷиев, 1983), Попоян («Ҳамин тавр ҳам мешавад»-и В. Назаров, 1985), Ситорабону («Ибни Сино»-и Ш. Қиёмов) ва ғ. А. яке аз беҳтарин офарандагони симои модар дар саҳнаи театр ва кинои тоҷик мебошад. Ӯ симои модаронро хубу табиӣ офарида, меҳру муҳаббати бепоён ва олами маънавии онҳоро бо маҳорати баланд мекушояд. Модароне, ки А. симояшонро офаридааст, муборизу фаъоланд, одамонро ба ободонии Ватан, сулҳу ваҳдат ва дӯстию рафоқат даъват менамоянд. Махсусан муроҷиати модар ба оламиён дар ичрои ӯ самимию таъсирбахш садо медиҳад. Мисоли равшани ин симои модар аз пйесаҳои «Ҳалокати умед»-и Г. Гейерманс (1971), «Модар»-и К. Чапек (1975), «Суруши Сталинград»-и, Ш. Қиёмов (1982), «Сухани вопасин»-и Н. Ҷалолов (1986), «Гумроҳ»-и М. Хаёлов (1987), монологҳои «Муроҷиати модар»-и Ш. Муҳаммадиев, «Фиғони модар»-и А. Низомов, «Ашкҳои сӯзон»-и Д. Раҳмонов, шеъри «Модари амрикоӣ»-и Ғ. Сафарзода ва ғ. шуда метавонанд. А. дар намоишҳои театрии телевизион иштироки фаъол дорад. Актрисаи соҳибистеъдоди кинои тоҷик низ мебошад. Ӯ дар филмҳои тоҷикӣ бештар аз 70 рол бозидааст: Гулшан («Чор нафар аз Чорсанг», 1972, реж. М. Қосимова), Ойша («Ҳеҷбудагон …», 1973, реж. Т. Собиров), Гулбаҳор ва модар («Панҷ нафар дар пайроҳа» ва «Шераки ҷасур», 1975, 1976, реж. М. Маҳмудов), Хосият («Ҷумъаи ҳафтум», 1979, реж. Овчаренко), модар («Ӯ хушдори ман аст», 1985, реж. М. Қосимова), модар (силсилафилми телевизионии «Ширин», 2004), зани директори мактаб («Нишони зиндагӣ», 2006, реж. С. Қодирӣ), Ҷамила (силсилафилми «Шумқадам»-и З. Содиқ ва Ш. Солеҳ, 2009), Бибиойиша («Падруду пайғом»-и Сайф Раҳим, 2009), модар («Модар-Замин»-и И. Машрабов 2009), модар («Гули санг»-и М. Карим ва Ҳ. Сангинов) ва ғ. А. дар Кинофестивали тоҷик (1986) беҳтарин актриса дониста шуд. *Н. Шарипов.*



АБДУЛЛО́ЕВА Насиба (тав. 15. 11. 1961, Самарқанд), сароянда, Артисти халқии Ӯзбекистон (1993). Хатмкардаи Студияи мусиқии Самарқанд (1979) ва Ин-ти давлатии маданияти Тошкент (1989). Эҷодиёташро аз ичрои сурудҳои халқӣ шурӯъ карда, «Лазгии Хоразм», «Баригал», «Танавор»-ро ҳамчун дурдонаҳои эҷоди мардуми Шарқ ҷилвагар сохт. Маҳорати бадеӣ, овози нозуки ширадор, интихоби матнҳои баландмазмун хоси ҳунари А. аст. Махсусан сурудҳои ишқӣ («Арзамро гуфтам», «Ҷони ман», «Малак» ва ғ.)-ро бо эҳсоси олӣ ичро мекунад. Дар эҷодиёти А. сурудҳои тоҷикӣ, туркӣ, озарӣ, эронӣ мавқеи намоён доранд. Чанд маротиба ба кишварҳои хориҷӣ сафари ҳунарӣ кардааст. Филми телевизионии «Насиба» («Ӯзбектелефилм», 1989) ба эҷодиёти А. бахшида шудааст. Дар Тоҷикистон борҳо ҳунарнамоӣ карда, байни сокинони ин ҷо маҳбубият пайдо кардааст.

АБДУЛЛО́ЕВА Сайрамбибӣ (1911, деҳаи Ҳисораки собиқ ноҳ. Ҳоити вил. Ғарм –16. 5. 1929, ҳамон ҷо), яке аз аввалин муаллимаҳо аз вил. Ғарм. Аз оилаи деҳқони камбағал. Баъди хатми курси муаллимии ноҳ. Ғарм (1928, ҳоз. ноҳ. Рашт) дар зодгоҳаш муаллимаи синфҳои ибтидоӣ шуд. Ғайр аз муаллимӣ ҳамроҳи ҳамкасбонаш Гадоева Оламбибӣ ва Қосимова Маълумбибӣ дар байни ҳамдеҳаҳояшон ба таблиғоти сиёсӣ машғул буд, мардумро ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ташвиқ мекард. Апр. 1929 дастаи босмачиёни Фузайл Махсум Ҳоитро ишғол кард ва бо иғвои бойҳо ва рӯҳониёни иртиҷоӣ ин се нафар муаллимаро дастгир намуда, 16 апр. ба дор овехтанд. Дар боғи фарҳанг ва истироҳати ноҳ. Рашт ба ёди ин шаҳидон мучассамае гузошта шудааст, ки А. ҳам дар пояи он мадфун аст. Дар пйесаи М. Бахтӣ «Лаҳзаи ҷовид» образи А. ва ҳамкасбонаш инъикос ёфтааст.



Абдуллоева Сипорат



Абдуллозода Р.

АБДУЛЛО́ЕВА Сипорат (тав. 1932, Панҷакент – 28. 1. 2007, ҳамон ҷо), тамокукор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1981). Колхозчии хоҷагии ба номи К. Маркси ноҳ. Панҷакент (1948 – 63), коргари Иттиҳодияи истеҳсолии корхонаи коркарди тамокуи ш. Панҷакент (1963 – 89). Аз с. 1990 нафақагир буд. Дар тамокукорӣ ба муваффақиятҳо ноил шудааст. Бо орденҳои Ленин, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУЛЛОЗО́ДА Абдуқаҳҳор (1893, деҳаи Қистакӯзи ноҳ. Хуҷанд – 1975, ҳамон ҷо), омӯзгор, нахустин Муаллими хизматнишондодаи мактаби РСС Тоҷ. (1942). Соли 1914 дар зодгоҳаш аввалин мактаби русӣ кушода шуд ва А. дар он ҷо савод омӯхт. Соли 1921 курси кӯтоҳмуддати муаллимиро дар ш. Тошканд хатм намуда, яке аз тарғиботчиёни намоёни маърифат дар ҷумҳурӣ гардид. Дар вазифаҳои гуногуни мақомоти маорифи Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои дароз директори мактаби миёнаи рақами 5-и ноҳ. Хуҷанд буд. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2 – 4). Бо орденҳои Ленин, Байраки Сурхи Меҳнат, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст

АБДУЛЛОЗО́ДА Разиюлло (13. 3. 1912, Истаравшан – 19. 2. 1995, ҳамон ҷо), адиб, омӯзгори тоҷик. Тахаллуси адабиаш «Расмӣ». Техникуми иқтисодию саноатии Тошкандро с. 1930 ва Ин-ти давлатии педагогии Душанберо с. 1941 хатм намудааст. Аз с. 1930 то охири умр дар Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент, Омӯзишгоҳи педагогии Истаравшан ва мактаби ба номи Горкийи ш. Истаравшан омӯзгор буд. Дар матбуот мақола, шеъру ҳикояҳо, асарҳои публитсистӣ менавишт. Мураттиби китобҳои «Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С. Айнӣ» (1958), «Ашъори мунтахаб»-и Лутфӣ Обидхоҷаев (1959), «Маҷмӯаи шеърҳо»-и Ноил Шерзода (1961), «Луғати мухтасари адабии тоҷик» (1973, барои мактабҳои миёна), «Ибораҳои халқӣ» (1974) ва ғ. А. омӯзгори носеҳу пандомӯзи ҷавонону калонсолон буд (маҷмӯаҳои «Панди

Оқилӣ», 1982; «Футувватнома», 1994; «Хӯшаи пурбор», 1992 ва ғ.). Маҷм. «Ёде аз айёми гузашта» (1983), қиссаи «Шогирди усто» (1992) аз нигоштаҳои адабии ӯянд.

АБДУЛЛОЗОДА Файзулло (1909, Хуҷанд – 1966, ҳамон ҷо) педагог, Муаллими хизматнишондодаи мактаби РСС Тоҷ. (1958). Дар мактаби кӯҳна ва мактабҳои шӯравӣ савод омӯхта, аз с. 1927 ба кори омӯзгорӣ шурӯъ кардааст. Хатмкардаи Инти олии педагогӣ-аграрии Тошканд (1932) ва курси назариявии аспирантураи Ин-ти забони АИ СССР (1949). Аз рӯзи таъсиси Ин-ти педагогии Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд) то поёни умр дар ин мактаби олӣ муаллими забону адабиёт ва муддате мудири кафедраи адабиёти тоҷик буд.

АБДУЛЛОЗОДА́ Хуршед Файзуллоевич (тав. 25. 9. 1940. Хуҷанд), доктори илми таърих (1990), проф. (1991). Фак-ти физикаи Ин-ти педагогии Хуҷандро хатм кардааст (1963). Хидмат дар Армияи Советӣ (1963 – 65), с-ҳои 1965 – 90 лаборанти калон, ходими хурд, ходим ва ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ Тоҷикистон буд. Аз с. 1991 мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанди ба номи академик Б. Ғафуров. Мутахассиси соҳаи таърихи илм аст, тадқиқоташ ба таҳлилу баррасии дастнависҳо – мероси илмии астрономию математикии мутафаккирони мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна бахшида шудааст.

Ос.: Абу Махмуд Худжанди, Д., 1986 (соавтор); Кушияр Джими, Д., 1990; Таърихи риёзиёт дар Шарқи Наздик ва Миёна, Х., 1999.

Ё. Назармамадов.

АБДУЛЛООБО́Д, деҳа дар ҷамоати деҳоти Дӯстӣ (тобеи ш. Ваҳдат). Аз А. то маркази шаҳр 12 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 727 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АБДУЛЛОХӮҶАЕВ Закӣ Ёқубович (12. 2. 1929, Хуҷанд – 25. 2. 1991, Душанбе), духтури бемори-ҳоисироятӣ, доктори илми тиб (1967), проф. (1969). Хатмкардаи фак-ти педиатрии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1950). Солҳои 1955 – 60 ассистент ва дотсенти кафедраи бемориҳои сироятии ИДТТ, 1967 – 68 ҷонишини директор оид ба корҳои илмии Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи ш. Душанбе



Абдуллозода Хуршед.



Абдуллохӯҷаев Закӣ.

буд. Соли 1968 дар заминаи Беморхонаи шаҳрии клиникии №2 кафедраи бемориҳои сироятии кӯдаконро ташкил карда, то с. 1991 мудирии онро ба ӯҳда дошт. Саринфексионисти Вазорати тандурустии ҶТ оид ба бемориҳои кӯдакон (1968 – 87). Дар мавзӯи «Омӯзиши раванди оксиду барқароршавӣ ва мувозанати кислотаю ишқор ҳангоми бемории Боткин» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Оид ба бемориҳои сироятӣ зиёда аз 100 асари илмӣ, таълимию методӣ дорад. Фаъолияти илмию амалии А. асосан ба дарёфти усулҳои самарабахши пешгирӣ ва табобати гепатитҳои вирусӣ равона шудаанд. Тадқиқот дар ин самт бо ҳамкории беморхонаю ин-тҳои номии советӣ, мас., Ин-ти вирусологияи ба номи Д. И. Ивановскийи АИТ СССР, ҳамчунин Ин-ти гастроэнтерология ва Ин-ти эпидемиологияю гигиенаи Тоҷикистон сурат гирифтаанд. Бо роҳбарии А. дар собиқ Иттифоқи Советӣ бори нахуст дар Тоҷикистон барои назорати кӯдаконе, ки гепатитҳои вирусиро аз сар гузарондаанд, ҳамчунин барои одамони гирифтори бемориҳои музмини вирусии ҷигар ҳуҷраҳои диспансерӣ ташкил карда шуданд. Бо ордени Дӯстии халқҳо (1989) сарфароз гаштааст.

Ос.: Ташхису муолиҷаи бемории Боткин дар бачагон, Д., 1970; Тарзу усулҳои муолиҷаи баъзе бемориҳои вазнини бачагона, Д., 1972.

АБДУЛЛО́Ҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (ох. а. 15 – ибт. а. 16). Дар зодгоҳаш – ш. Ҷом таҳсил карда, ба шеъргӯӣ оғоз намуд ва чун шоири тавоно шӯҳратманд гардид. Аз истеъдоди баланди ӯ дар эҷоди ғазалу рубоӣ ва маснавӣ Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» иттилоъ додааст. Ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавию Амир Хусрави Деҳлавӣ ва маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ҷавобия навиштааст. Абёти зерин намунаи шеъри ӯянд:

Пас он гаҳ басе говмешони нар,
Ба занҷир бастанд бар якдигар.
Ки дар пеши хандақ фасиле бувад
Ва з-ӯ ҳар яке манъи филе бувад.
Чаро бояд аз фил кардан ҳазар,
Ки ӯ чорпояст чун гову хар.

***

Нубувватро туӣ он нома дар мушт,
Ки аз таъзим дорад мӯҳр бар пушт.

У. Назиров.

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ АББО́С ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф (619 – 687), аз муҳаддисон ва муфассирони аввалӣ. Писари амаки Пайғамбар (с), кунияташ Абулаббос, лақабаш «Ҳабрулуммат» (Донишманди уммат). Авлод ва хулафои *Аббосиён* аз насли А. мебошанд. А. ҳангоми вафоти Пайғамбар (с) 13-сола буд, вале бо вуҷуди ин аз ӯ ҳадисҳои бисёре ривоят кардаанд. Ҷамъе аз оятҳои Қуръон дар асоси шарҳу тавзеҳоти А. тафсир ёфтаанд. А. с. 648 бо Абдуллоҳ ибни Сарҳ ба ғазои Ифриқия баромад, дар замони хилофати *Алӣ ибни Абитолиб* ҳамроҳи ӯ ба Ироқ рафт, дар ҷанги Сиффин иштирок кард, чанде ҳокими Басра буд, пеш аз вафоти Алӣ ба ш. Тоиф рафт ва то вафоташ (687) он ҷо монд. Убайдуллоҳ, Фазл, Қусам ва Маъбад бародарони ӯ мебошанд. *М. Умаров.*

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ ИБРОҲИ́М (1443, Ҳирот – 1451, Самарқанд), султони Самарқанд (1450 – 1451) баъд аз қатли *Абдуллатиф*. А. И. набераи *Шоҳрух* буд ва баъди марги бобояш Форс дар ихтиёри ӯ шуд, лекин дар натиҷаи ҳуҷуми сипоҳиёни *Султон Муҳаммад* он ҷоро тарк кард. Пас аз қатли Улуғбек, азбаски А. И. яке аз ворисон барои тахту тоҷ буд, ҳабс шуд ва баъди аз зиндон раҳоӣ ёфтан даъвои тахту тоҷ кард. Шоҳзодагони дигар, аз ҷумла Алоуддавла ибни Бойсунқур, Абусаид ибни Муҳаммад, ки дар замони марги Улуғбек дар зиндон буд, алайҳи А. И. шӯриданд. Онҳо низ даъвои подшоҳӣ доштанд. Дар задухӯрде, ки байни шоҳзодагон рух дод, Абусаид шикаст хӯрд. А. И. маҷбур шуд, ки зидди шоҳзодагони дигар низ мубориза барад. Дар ин муддат Абусаид ҳавзаи Сирдарёро бо Туркистон ба тасарруфи худ даровард, дар ҷанге, ки байни сипоҳиёни А. И. ва Абусаид дар назди рустои Булунгур (1451) рух дод, бо кӯмаки Абулхайрхон бар А. И. фирӯз шуд.

Л. Бойматов.

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ ҚОДИ́Р Абуҷаъфар (1031 – 75), халифаи аббосӣ, мулаққаб ба Қоим. Хилофати Бағдод дар замони бӯҳрони сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ба дасти А. гузашт. Аз рӯзҳои аввали хилофаташ ӯ ҷиҳоди зидди шиъаро сарварӣ намуд. Солҳои 1033 – 36 хуруҷи айёрони Буяро дар Бағдод барҳам дод. Нуфузи Оли Буяро дар

Бағдод маҳдуд карда, ҳокимияти халифро дубора барқарор кард. Аммо ба ӯ муяссар нашуд, ки Бағдод ва тамоми хилофатро аз таъсири туркон боздорад. Дар нимаи дуюми а. 11 Бағдод дубора ба бӯҳрон рӯ ба рӯ шуд. Соли 1055 сипоҳи Туғрилбек вориди Бағдод гашт. А. Бағдодро тарк кард. Ҷанги шаҳрвандӣ сар шуда, як сол давом кард (1055 – 56) ва баъди ба ақди никоҳи писари Туғрил даромадани духтараш А. ҳукумати худро боз устувор кард. Султон Алп Арслон барояш унвони ҳодӣ ва сарвари муслиминро дода, аз масъулиятҳои дигар ӯро маҳдуд кард.

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ МАСЪУ́Д ибни Ғофил ибни Ҳабиби Ҳузалӣ (с. тав. номаълум – ваф. 652), яке аз саҳобаҳои наздики Муҳаммад (с). Куняаш Абуабдурраҳмон, Ибни Умми Абд ва Ибни Масъуд. Шашумин нафарест, ки дини исломро пазируфт ва аз ин рӯ ӯро Содиси Ситта (Шашуми шаш нафара) мегуфтанд. Мувофиқи ривоёт ӯ дар асари як мӯъҷиза, ки бо даст расонидани Пайғамбар (с) пистони барраи меши ҳанӯз бор нагирифта пури шир шуд, мусулмонӣ пазируфт ва аз он пас мулозими хидмати Пайғамбар (с) гардид. Ӯро соҳиби наълайн, висода ва сивок (кафш, болиш ва мисвоки Пайғамбар (с) мехонданд. А. нахустин касест, ки Қуръонро дар Макка ошкоро хонда ба гӯши мушрикон расонд. А. зулҳиҷратайн (соҳиби ду ҳиҷрат) аст, зеро як бор ба Ҳабаша ва бори дигар ба Мадина ҳиҷрат кард ва дар ҳамаи ғазавоти Пайғамбар (с) ҳозир буд. Ӯ яке аз ашараи мубашшара (даҳ ёри Пайғамбар (с), ки ба онон ваъдаи биҳишт фармуд) аст. Дар ҷанги Ярмук иштирок дошт. Ҳангоми вафот дар Мадина беш аз шаст сол умр дошт. А. яке аз муфассирони машҳури асҳоби киром ва асосгузори мактаби тафсир дар Ироқ ба шумор меравад. Асоси таълимоти ҳалқаи Ҳаммод ибни Абусулаймон – устоди Имоми Аъзам ба ҳамин мактаби А. мепайвандад. *М. Умаров.*


АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ МУБОРА́К, номи пурраш Абуабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Муборак ал-Ханзалий ал-Марвазӣ (736–797), олими энсиклопедист, суфии машҳур, муҳаддис. А. М. ба бисёр мамлакатҳо сафар кардааст. Дар Марв барои муҳаддисон ва фақеҳон якчанд работ сохта буд. Доир ба илми тасаввуф, фиқҳ, ҳадис, таъриху наҳв ва тафсир асарҳо эҷод намудааст. Дар яке аз сафарҳояш ҳангоми аз Сурия ба ватан баргаштан вафот кард ва ӯро дар лаби д. Фурот, ш. Хит ба хок супурданд.

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ МУҲАММА́Д ибни Узайр (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 997), вазири дарбори *Сомониён* дар аҳди амир Нӯҳ ибни Мансур. Писари Абумансур Муҳаммади Узайр, ки аз ҷумлаи вузарои амирони сомонӣ буд. А. М. дар натиҷаи зиддиятҳои дохилидарборӣ аз вазифа сабукдӯш гардида, ба Хоразм бадарға шуд. Ба ҷойи ӯ Абуалии Домғонӣ соҳиби мансаб гардид.

АБДУЛЛО́Ҳ И́БНИ ТОҲИ́Р (с. 798, Нишопур – 845, ҳамон ҷо), писари Абутаййиб Тоҳир – сеюмин амири *Тоҳириён*. А. пас аз марги бародараш *Талҳа* ба аморати Хуросон нишаст. А. дар замони ҳаёти падараш шаҳнаи Бағдод буд. Вай мисли падараш дар фурӯ нишондани нооромиҳои сарзаминҳо ва қиёмҳои мулуки араб нақши муассир гузошт. А. тавонист шӯришҳои умарои араб, ба монанди Наср ибни Шабас (824 – 25), қиёмҳои Ироқ, саркашии Убайдуллоҳ (825 – 26) ва ҷунбишҳои Мисрро фурӯ нишонад. А. с. 829 тибқи фармони халифа барои фурӯ нишондани тохтутози *хавориҷ* дар Хуросон ба он вилоёт фиристода шуд. А. дар с. 830 ба Нишопур расид ва онро пойтахти худ интихоб кард. Дар муддати понздаҳ соли ҳукуматаш (830 – 845) эҳтироми *аббосиён*ро риоят мекард. Халифа *Мӯътасим* (833 – 842) бар хилофи *Маъмун* нисбат ба А. хушбин набуд. А. қабл аз маргаш, илова бар Хуросон, ҳамчунин бар вилоёти Рай, Ҷибол, Мозандарон, Табаристон, Руён ва Кирмон фармонравоӣ мекард. Ҳамзамон фармондеҳи низомиёни Бағдод буд. Сиёсати А. нисбат ба халифаи аббосӣ мусолиматомез ва дӯстона буд. Вай саъй мекард то хашми халифаро нисбат ба худ ва дудмонаш барнаангезад. А. адиб ва шоир ҳам буд ва монанди падараш ба арабӣ шеър мегуфт. Ба мусиқӣ алоқа дошт ва баъзе оҳангҳоро ба ӯ мансуб донистаанд. Ӯ монанди падараш рӯҳияи арабӣ ва таассуб ба мазҳаби ислом дошт ва китобҳои эрониёни қабл аз исломро оташ мезад. *Л. Бойматов.*

АБДУЛЛОҲБЕ́КИ КОТИ́Б (с. тав. номаълум – 1914, Бухоро), хаттот ва хушнависи тоҷик (а. 19). Аз мирбачаҳои Яккабоғ будааст. Амир Музаффар ҳангоми Яккабоғро зери тасарруфи худ гирифтан А. К. ва бародари ӯ Абдураҳмонбекро ба Бухоро оварда. Бародари А. К.-ро ба қатл расонид ва худи ӯро ҳабс кард. Ҳангоми даҳ соли дар маҳбас будан А. К. ба таври худомӯзӣ хатро машқ кард ва камол ёфт. Дар навиштани хати насх ба пояи Мирубайд ва дар настаълиқ ба Миралии Ҳиравӣ расид, гарчанде ба ин ду устоди насху настаълиқ касе баробар нашуда буд. Аз осори китобати ӯ «Мусҳаф» (таҳти рақами 2117) ва «Сурат-ул-аврод» (таҳти рақами 2480) дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд, ки бо хати нодиру зебо рӯйнавис шуда, дорои қимати баланди бадеӣ мебошанд. *С. Султонов.*

АБДУЛЛО́ҲИ БУХОРОӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), наққош ва мусаввири тоҷик (а. 16). Тибқи маълумоти таърихӣ А. Б. дар дарбори хони шайбонӣ Абдулғозии Абдулазизхон (ҳукмр. 1540 – 49) хидмат намудааст. Теъдоде аз минётураҳои А. Б. низ ба ин хони шайбонӣ бахшида шудаанд. Пас аз вафоти Абдулғозӣ А. Б. ва мусаввири дигари дарбор *Маҳмуди Музаҳҳиб* фаъолияти худро дар дарбори Абдуллоҳхон (ҳукмр. 1556 – 98) идома додаанд. Дар баъзе аз минётураҳои А. Б. тасвири Абдуллоҳхон низ ба назар мерасад. Дар ҳунари рассомии А. Б. таъсири мактабҳои наққошӣ ва минётуранигории Ҳироту Бухоро мушоҳида мешавад. Бахусус таъсири сабки Беҳзод ба эҷодиёти А. Б. калон аст. Минётураҳои «Бӯстон»-и Саъдӣ, ки ба қалами А. Б. мансубанд, бевосита дар зери таъсири эҷодиёти Беҳзод офарида шудаанд. Дар баъзе минётураҳои А. Б. такрори бандубаст ва баъзе паҳлуҳои эҷодиёти Беҳзод дида мешаванд. А. Б. аз санъати Мактаби



Абдуллоҳи Бухорой. Минётура аз «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ.

минётураи Ҳирот низ баҳра бурда, таносуб ва ҷиҳатҳои хоси онро бо мактаби минётураи Бухоро моҳирона омезиш додааст. Дар инкишофи санъати тасвирии Моваруннаҳр низ ҳиссаи калон гузоштааст. Намунаҳои наққошӣ ва мусаввараҳои А. Б. дар Музейи миллии Париж, Ганҷинаи дастнависҳои Санкт-Петербург ва Оксфорд маҳфузанд.

Ад.: Пугаченкова Г. А., Ремпель Л., История искусств Узбекистана, М., 1965; Миниатюры к поэмам А. Навои, Ташкент, 1969; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988; Ашрафӣ М., Миниатюра: От Бехзода до Ризай-и Аббаси, Д., 2011. *Л. Бойматов.*

АБДУЛЛО́ҲИ ЗАНУЗӢ Бирмуқлӣ (с. тав. номаълум, Маранд – 1841, Теҳрон), орифи машҳури аҳди қочорияи Эрон. Дар зодгоҳаш сарфу наҳв ва илми маонӣ, фиқҳу усул ва мантиқу каломро омӯхта, барои таҳсил ба Исфаҳон рафт ва дар назди Муллоалии Нурӣ ба омӯзиши ҳикмати илоҳӣ пардохт. Ба ш-ҳои Наҷаф, Карбало, Қум сафар карда, бо ҳакимону орифони машҳури замонаш шиносоӣ пайдо намуд. Вақте Фатҳалишоҳи Қочор (ҳукмр. 1797 – 1834) Муллоалии Нуриро ба Теҳрон даъват кард, ӯ ба ҷои худ шогирдаш А. З.-ро ба Теҳрон фиристод. А. З. дар мадрасаи «Хони Марвӣ»-и Теҳрон то охири умраш аз фалсафа дарс гуфтааст. А. З. асарҳои бисёре навиштааст, ки муҳимтарини онҳо «Анвори ҷаллия» ва «Ламаот-ул-илоҳия» мебошанд. Ӯ дар осори худ равияи Садруддини Шерозиро дар ҳикмати мутаолиҳа пеш гирифта, масъалаи исолати вуҷуд ва исолати моҳиятро таҳқиқ намудааст. А. З. вуҷудро биззот ва моҳиятро билараз шуморида, моҳияти ҳар мумкинро бо вуҷуди он дар ҷамеи маротиб муттаҳид медонад, ки аз ҷиҳати таҳлили зеҳнӣ аз аслаш чудо тасаввур мешавад. Роҷеъ ба масъалаи ваҳдату касрат А. З. маротиби шиддату заъфро қоил аст. Ба фикри ӯ, ҳар ҷое, ки ҷанбаи касрат бештар бошад, ҷанбаи ваҳдат заифтар аст ва дар айни ҳол ҷиҳати ваҳдат айни ҷиҳати касрат ва ҷиҳати касрат маърузи ҷиҳати ваҳдат мебошад. А. З. як силсила масъалаҳои дигари фалсафаи мутаолиҳаро низ дар асарҳояш таҳқиқ кардааст.

М. Ҳазратқулов.

АБДУЛЛО́ҲИ КОБУЛӢ Ибодуллоҳ, мутахаллис ба Гуноҳӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва муаррихи форсизабони Ҳиндустон (ох. а. 16 – ибт. а. 17). Зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии А. К. дар Ҳиндустон гузаштааст. Бо мақсади ошноӣ бо ҳаёти мардум, омӯзиши маданияту фарҳанги онҳо ба манотиқи гуногуни Ҳиндустон, аз ҷумла Гуҷарот, Кашмир, ш-ҳои Лоҳур, Аҳмадобод, Деҳлӣ ва ғ. сафар кардааст. А. К. муаллифи асаре бо номи «Тазкират-ут-таворих» мебошад (таълиф с-ҳои 1582 – 1601). Ин асар, ки аз 6 боб иборат аст, аҳамияти таърихӣ ва адабӣ дорад. Дар боби сеюми он оид ба 195 нафар шоир маълумоти тарҷумаиҳолӣ дарҷ гардида, аз осорашон намунаҳо оварда шудааст. Боби 6-уми «Тазкират-ут-таворих» воқеаҳои таърихию адабии замони муаллифро дар бар мегирад. Азбаски муаллиф худ шоҳиди ин воқеаҳову ҳодисаҳо буд, нигоштаҳояш аҳамияти калони таърихӣ доранд. Ашъори А. К. дар «Тазкират-ут-таворих» омадаанд, ки аксарашон хусусияти бадеӣ ва таърихӣ доранд. *Ш. Нуриддинов.*

АБДУЛЛО́ҲИ КОТИ́Б (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (а. 19). Дар Бухоро зистааст. Падараш бо номи Авазбадал Котиби Балхӣ машҳур буд. То замони мо аз А. К. осори бисёри хаттотӣ расидааст. Ӯ «Воқеоти Ҳисомӣ»-и Ҳисомуддин Умари Бухороӣ (1820), «Шарқ-ул-фусул»-и Рукнуддини Шерозӣ (1821), «Чаҳор унсур»-и Бедил (1824), «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро (1824) китобат кардааст. Ин асарҳо дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд.

АБДУЛЛО́ҲИ КУЛО́Л (1815, Риштон – 1900), кулол ва кошикори тоҷик. Дар Риштон ва Қӯқанд кор кардааст. Сарвари кулолгарони Фарғона буд. Солҳои 1967 – 73 дар кошикории намои қароргоҳи Худоёрхон (ҳоз. Музейи кишваршиносии Қӯқанд) иштирок кардааст. Намунаҳои ҳунари А. К. (зарфҳои кулолӣ) дар Музейи давлатии санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Музейи кишваршиносии Қӯқанд маҳфузанд.

АБДУЛЛО́ҲИ МАРВОРИ́Д Хоҷа Шиҳобуддин (с. тав. номаълум – ваф. 1516, Ҳирот), шоир, донишманд, муншӣ, мусиқидон ва оҳангсози форсҳоҷик. Бо тахалл. «Баёнӣ» шеър менавишт. Аз шогирдони Абдурраҳмони Ҷомӣ буд. Дар оилаи вазир ба дунё омада, пас аз касби камол пешаи авлоди худро идома дод. Дар дарбори Ҳусайн Бойқаро мӯҳрдор, вазир, парвоначӣ (масъули пазироӣ) буд. А. М. соҳиби девони ашъор (шомили қасидаҳо, ғазалҳо, рубоиҳо, қитъаҳо) мебошад. Ба ғайр аз девони ашъор маҷмӯаи рубоиёти худро бо номи «Мӯънис-ул-аҳбоб» мураттаб намудааст. Вай инчунин маснавие дорад бо номи «Хусрав ва Ширин». Рисолае оид ба мусиқӣ ва адвор нигоштааст. А. М. дар мавзӯъ ва шакли ашъор пайрави гузаштагон будааст, вале аз ҷиҳати сабк, диди шоирӣ, тарзи нигориш ва дарёфти маъниҳои тоза аз нодирони замон мебошад. Дар байни аҳли адаб маҷмӯаи «Тамсилот»-и А. М. хеле машҳур будааст. Китоби дигари А. М. «Тарассул» ном дорад, ки дар он фармонҳои ҳокимон, фатҳномаҳо, номаҳои расмии давлатӣ, дипломатӣ, таъзияномаҳо, руқъаҳои (номаҳои) ашхоси маъруфи замон (Ҷомӣ, Хоҷа Аҳрор, Ҳусайн Бойқаро, Алишери Навоӣ ва диг.) ва навиштаҳои худи ӯ фароҳам омадаанд. Нусхаҳои хаттии ин асар дар китобхонаҳои кишварҳои Шарқу Ғарб хеле зиёданд. Ин асар барои омӯхтани ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, вазъияти байналхалқӣ ва ҳаёти фарҳангии Хуросону Моваруннаҳр, Эрон, Озарбойҷон, Ҳиндустон ва диг. кишварҳо дар а. 15 арзиши баланд дорад. Як нусхаи девони А. М. дар Ин-ти дастнависҳои АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

АБДУЛЛО́ҲИ МАҲНАЙ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Пас аз касби камол ба доираи адабии ш. Ҳирот ворид гардид ва ҳамон ҷо ба кори эҷодӣ машғул буд. Аз завқу табъи баландаш дар шеъру шоирӣ тазкиранигорон Навоӣ («*Маҷолис-ун-нафоис*») ва Нисорӣ («*Музаккир-ул-аҳбоб*») дарак додаанд. А. М. дар сурудани ғазал моҳир будааст. Аз девонаш иттилое дар даст нест. Дар тазкираҳо ва баёзҳо намунаҳои шеъраш дарҷ гардидаанд. Ин абёт аз ӯст:

Ҳеҷ шаб нест, ки аз ҳаҷри туам мотам нест,
Бе ту рӯзи мани мотамзада аз шаб кам нест.
Маҳраме нест, ки гӯяд сухани ман бо ӯ,
Он ки гӯяд сухани ман бари ӯ маҳрам нест.

У. Назиров.



Абдуллоҳи Муншӣ. Нашри якуми литографии китоби «Ҳикоёти Абдуллоҳ» (1849)

АБДУЛЛО́ҲИ МУНШӢ ибни Абдулқодир (1796, Малакка – 1854, Макка), нависандаи маорифпарвари Малая ва Индонезия, асосгузори насри бадеӣ ба забони малайӣ. Муншии дарбори ҳукмрони давраш буд. А. М. нахустин адиби Малая аст, ки бо маданияти Ғарб шиносоӣ дошта, онро тарғиб кардааст. Ба қалами А. М. асарҳои ёддоштию публитсистии «Ҳикоёти Абдуллоҳ» (1849), «Қиссаи саёҳати Абдуллоҳ ибни Абдулқодир аз Сингапур то ба Калантон» (1849), «Қиссаи саёҳати Абдуллоҳ ба Ҷидда» (1854) тааллуқ доранд. А. М. «*Калила ва Димна*»-ро ба забони малайӣ тарҷума кардааст (1835).

АБДУЛЛО́ҲИ МУСАВВИ́РИ ХУРОСОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), наққош ва рассоми форс-тоҷик (а. 16). Аз рӯйи сабку услуб намояндаи *Мактаби минётураи Бухоро* аст, вале дар асарҳои ӯ таъсири анъанаҳои *Мактаби минётураи Ҳирот* бештар мушоҳида мешавад. Ӯ ин равияро аз устоди худ *Маҳмуди Музаҳҳиб* омӯхта, ҷиҳатҳои пешқадами санъати минётуранигориро идома додааст. То замони мо аз осори ӯ минётураҳои «Гулистон»(1542) ва «Бӯстон»(1575)-и Саъдӣ, «Тӯҳфат-ул-Аҳрор»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (1550 ва 1575) омада расидаанд. Бартарии услуби А. дар он аст, ки вай ба воқеият ва тарзи хоси қиёфаю ҳаракати инсон аҳамият дода, ҷанбаҳои воқеии (реалистии) санъати тасвирии халқи тоҷикро инкишоф додааст. Мусаввараҳои ӯ бо зебоӣ, ҷилваи рангҳо, нозукию возеҳият ва мавзӯи пандомӯз дар санъати тасвирии ниёгон нақши тоза гузоштаанд.

Ад.: А ш р а ф ӣ М., Таджикская миниатюра. Бухарская школа XVI – XVII вв., Д., 2011.

А. Афсаҳзод.

АБДУЛЛО́ҲИ НОЙӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), навозанда, сароянда ва мусиқидони форсу тоҷик (ох. а. 15 ва ибт а. 16). Дар Ҳирот таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоии илми мусиқиро низ ҳамон ҷо фаро гирифтааст. А. Н. дар навохтани най беҳамто буда, овозааш ба бузургтарин шаҳрҳои он давр низ расидааст. Дарвешалии Чангӣ дар «*Тӯҳфат-ус-сурур*» ба ӯ баҳои хубе додааст: «Аз овози форами най ҳамаро ба гулистон бурда…». А. Н. барои такмили донишаш муддате ба Бухоро омада, асосҳои назариявӣ ва амалии илми мусиқиро комилан аз худ кард. Сипас ба Ҳисор ва баъд ба Балх сафар карда, чандин асари мусиқӣ офаридааст. Аз ҷумла «Савти Дилреш» (бар усули «Мухаммас») ба шӯъбаи «Сегоҳ», «Савти Дилошӯб» (бар усули «Барафшон») ба мақоми «Ирок», «Пешрави Ситамкаш» (бар усули «Самоӣ») ба мақоми «Ҳусайнӣ», «Амали гардони Ноӣ» (бар усули «Уфар») ба мақоми «Наво» ва амсоли инҳо маълуму машҳур будаанд. Ба асарҳои мусиқии А. Н. *Дарвеш Шайхии қаландари Ҳиравӣ*, Устод Алии Боқӣ, Алидӯсти Ноӣ, Ҳофизи қонунӣ ва диг. бузургони санъати мусиқӣ назираҳо бастаанд. А. Н. бар вазни «Миатайн» ва «Даври Равон» «Куллиёт»-е тартиб додааст, ки ҳофизони номии Самарқанду Бухоро онро месуруданд. Ӯ ҳамчунин ба мақомҳои «Кӯчак», «Бӯсалик», «Ҳусайнӣ» ва «Ирок» асарҳои калонҳаҷми мусиқӣ мураттаб кардааст. А. Н. инчунин ғазалҳои ирфониву фалсафии некӯ гуфтааст. Ӯ дар Ҳирот аз олам гузашта, қабраш дар маҳаллаи Ҳазрати Султон Аҳмади Хизрӯя (Ҳирот) воқеъ аст.

Ад.: Р а ҷ а б о в А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *Раҷабов.*

АБДУЛЛО́ҲИ САЙРАФӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форс-тоҷик (а. 14). Дар Табрез ба камол расида, дар ҳамон ҷо аз хушнависони номии давр Юсуфи Машҳадӣ ва Саид Ҳайдар таълим гирифтааст. Дар санъати хаттотии ӯ бештар «сабки ироқӣ» (таъсири *Ёқути Мустаъсимӣ*) ҳис мешавад. Ӯ яке аз устодони хати сулс, муҳаққақ, насх, риқоъ ба шумор меравад. Намунаҳои бисёре аз осори санъати хаттотии ӯ боқӣ мондааст, ки «Абусаиднома», «Меъроҷнома», «Таърихи Чингиз», Қуръон ва ғ. аз қабили онҳоянд. Ин асарҳо дар китобхонаҳои Ҳайдаробод, Бамбай ва Честер Биттии Дублин маҳфузанд. А. С. дар катибанависӣ низ моҳири замон буд. Пештоқу дохили якчанд мадрасаю қасрҳои Табрез ва Димишқ бо катибаҳои ӯ оро ёфтаанд.

АБДУЛЛО́ҲИ ТАББО́Х маъруф ба Абдуллоҳи Ҳиравӣ ва мулаққаб ба «Ошпаз» (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форс-тоҷик (а. 15). А. Т. дар ш. Ҳирот ба дунё омада, дар зодгоҳаш ва Самарқанду Машҳад касби камол кардааст. Дар замони ҳукмронии Шоҳрух Мирзо (1409 – 47) хаттоти китобхонаи *Темуриён* буд. Шогирди устод *Ҷаъфари Табрезӣ*. Бо фармони Шоҳрух Мирзо с-ҳои 1425 – 26 оромгоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро бо хати хеле зебо ва мақбулаш оро додааст. А. Т. дар ороиши бисёре аз сохтмонҳо ва биноҳои давлатии Темуриёни Ҳирот фаъолона ширкат намудааст. Баъд аз вафоти султони Ҳирот Бойсунқур Мирзо дар хидмати писари ӯ Алоуддавла буд. Улуғбек Алоуддавларо шикаст дода, хаттотону мусаввирони моҳирро ба Самарқанд оварда, ки дар байни онҳо А. Т. низ буд. А. Т. дар ороиши як зумра биноҳои Самарқанд иштирок намудааст. Ӯ с-ҳои 60 а. 15 аз Самарқанд ба Ҳирот баргашта, дар дарбори султон Ҳусайни Бойқаро ба сифати хаттот хидмат кард. Дар ин давра чандин биноҳои Машҳад ва Ҳиротро бо хати хуб ва зебои худ ороиш дод, ки ёдгориҳои меъмории Козоргоҳ (дар Ҳирот) ва «Оғочабегим» (дар Машҳад) аз ҷумлаи онҳоанд. А. Т. дар ҳунари ороиши китоб («афшон» ва «барафшон») низ аз нодирони замони худ будааст. Аз А. Т. 45 нусхаи бо хати зебо китобатшудаи Қуръон боқӣ мондааст. Як нусхаи дастнависи А. Т. ва *Содиқбегӣ* Афшор дар Истанбул маҳфуз аст, ки доир ба хаттотон ва мусаввирони он давр маълумот медиҳад. Теъдоди зиёди китобати А. Т. то замони мо расидааст, ки аз ҳунар ва истеъдоди баланди шаҳодат медиҳанд. *Л. Бойматов.*

АБДУЛЛО́ҲИ ТУСӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1464, Шероз), шоири форс-тоҷик. Аз ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш дар тазкираҳо маълумот кам аст. Дар замони *Бобур* чун шоир шӯҳрат ёфтааст. Пас аз марги Бобур ба Озарбойҷон ва Ирок рафт. Аз он ҷо ба Шероз омад ва то охири умр он ҷо монд. А. Т. дар доираи адабии Ҳирот низ маъруф будааст. Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» дар бораи ӯ маълумот дода, шеърашро ҷаззобу дилфиреб гуфтааст. Аз А. Т. девоне дар ҳудуди 1000 байт боқӣ мондааст, ки дар он танҳо ғазалҳо фароҳам омадаанд. А. Т. дар ғазалҳояш масалҳои зиёдеро истифода кардааст. Дар ин бобат ӯ аз ҳамасронаш Шукрӣ, Рафиқӣ пайравон доштааст. Девони А. Т. дар Бамбай ва Теҳрон ба табъ расидааст, вале ба хато онро девони Хоҷа Насируддини Тусӣ гуфтаанд. Байтҳои зерин намунае аз ашъори А. Т. мебошанд:

Зиҳӣ нӯши лаби лаълат ҳаёти ҷовидони ман,
Ба дандон мегазӣ лабро, чӣ мехоҳӣ зи ҷони ман!

***

Маро бошед, эй хубон, Худоро,
Худоро дораму боқӣ шуморо.

Ад.: А л и ш е р и Н а в о й, Маҷолис-ун-нафоис, Т., 1333 ҳ. ш.; С а и д Н а ф и с ӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.

АБДУЛЛОҲИ ӮРОТЕППАЙ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (нимаи авв. а. 19). Аз доираи адабии Истаравшан. А. Ӯ. дар навиш-

тани навъҳои хати настаълиқи ҷалӣ, хафӣ ва шикаста мумтоз буд. Соли 1814 «Насабнома»-и Амир Ҳайдар ва 1837 «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор (дар Ӯротеппа) бо хати настаълиқи зебо китобат намуд. Китоб 510 варақ дорад, варақҳои аввали китоб бо ҳошияи зарандуд оро ёфтаанд. Ин китоб дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АБДУЛЛО́ҲИ ШАБИСТАРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва донишманди форс-тоҷик. Аз авлоди Маҳмуди Шабистарӣ. Дар Самарқанд, Ҳирот ва Осиёи Хурд зиндагиву таҳсил ва эҷод кардааст. Дар илмҳои таърих, ирфон, хусусан риёзиёт яке аз зубдаҳои даврон эътироф гардидааст. Соли 1520 аз Самарқанд ба Осиёи Хурд сафар карда, ба хидмати дарбори Султон Салим (ҳукмр. 1512 – 20) расид. А. Ш. дар шеър «Ниёзӣ» тахаллус дошт. Дар девонаш маснавӣ, ғазал, қасида, рубоӣ ва қитъаҳои сурудааш фароҳам омадаанд. Маснавие дорад бо номи «Шамъу Парвона». «Рисола дар қавоиди муаммо» яке аз осори пажӯҳишии А. Ш. мебошад. Маснавиаш мазмуни орифонатасаввуфӣ дорад, ғазалҳову рубоиёташ ишқӣ, қасидаҳояш мадҳиянд. Баъзе рубоиҳояш чун рубоиҳои халқӣ содаву равону дилнишинанд. Абёти зерин намунае аз нигоштаҳои ӯянд:

Равон шуд маҳмили ҷонону ман ҳайрон аз он рафтан,
На бе ӯ метавон будан, на бо ӯ метавон рафтан.
Гузашт ӯ тунду ман бар хоки раҳ ҷон меканам бе ӯ,
На сабри инчунин будан, на тоби онҷунон рафтан.
Надидам рӯи ҷонон серу вақти ҷон супурдан шуд,
Дареғо, коми дил нодида хоҳам аз ҷаҳон рафтан.
Макун нисбат ба қадди хушхироми ёр туборо,
Куҷо тубо тавонад ҳамчу он сарви равон рафтан?
Магӯ, азми сафар дорад Ниёзӣ аз сари кӯяш,
Ки натвонад зи гулшан булбули бехонумон рафтан.

А. Афсаҳзод.

АБДУЛЛО́ҲИ ШАҲОБӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форс-тоҷик (а. 16). Дар Қазвин умр ба сар бурдааст. Дар айёми ҷавонӣ ба омӯзиши хаттотӣ ва анвои хат пардохта, ин пешаро ба хубӣ аз худ намудааст. Бино ба маълумоти тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ А. Ш. қобилият ва истеъдоди баланди хаттотӣ дошта, дар хушнависӣ маълуму машҳур будааст ва осори назму насри классикони форсу тоҷикро китобат намудааст. Мутассифона, аз осори хаттотии А. Ш. то замони мо чизе нарасидааст.

АБДУЛЛО́ҲИ ШЕРОЗӢ (с. тав ва ваф. номаълум), мусаввир ва хаттоти эронӣ (а. 16). Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти А. Ш. маълумоти кофӣ дар даст нест. Дар китобхонаи султон Абулфатҳи Иброҳим ибни Багром (ҳукмр. 1556–77) ба ҳайси хаттот хидмат мекардааст. Тибқи баъзе маълумоти таърихӣ муддати кӯтоҳе дар Машҳад сукунат доштааст. Бино ба маълумоти Қозӣ Аҳмад (дар «Гулистони ҳунар») А. Ш. яке аз хушнависони боистеъдоди замони худ будааст. Аз А. Ш. якчанд асар боқӣ мондааст. Нусхаи хаттии «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (китобаташ такр. с-ҳои 1556 – 65), ки ҳоло дар Нигористони Фриери Вашингтон маҳфуз аст, шомили минётураи «Юсуф ва Зулайхо» мебошад. Ин мусаввараи зебо ва дилкаш ба қалами А. Ш. мутааллиқ аст. Дар нусхаи мазкур 28 тасвиру минётура замима шудаанд, ки мутахассисон онҳоро низ ба қалами А. Ш. нисбат медиҳанд. Ҳамчунин дар яке аз нусхаҳои «Сабҳат-ул-аброр», «Сифот-ул-ошиқин»-и Ҳилолӣ (дар китобхонаи ш. Лисабон маҳфуз аст) теъдоди зиёди нақшу нигори бо оби тилло ҳал додашуда мавҷуданд, ки ба қалами А. Ш. тааллуқ доранд. Теъдоде аз осори А. Ш. дар китобхонаи Лейпсиг (Германия) нигоҳдорӣ мешаванд. Баъзе аз муҳаққиқини осори А. Ш. бар ин ақидаанд, ки ӯ яке аз нусхаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро низ бо минётураҳо ва нақшу нигорҳои дилчасп оро додааст. Сабку услуби минётуранигорӣ ва хаттотии А. Ш. ба тарзу равиши хаттотону мусав-вирони давраи шоҳ Таҳмосб қаробат дорад. А. Ш. дар рушди минбаъдаи санъати тасвирии Осиёи Миёна ва Эрону Афғонистон таъсир расонидааст ва яке аз устодон ва саромадони ин ҳунар ба шумор меравад.

Ад.: К а з и А ҳ м е д, Трактат о калиграфах и художниках, М.–Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1998.

«АБДУЛЛОҲНОМА́», асари таърихӣ. Бо номҳои «Шарафномаи шоҳӣ», «Зафарнома» низ машҳур буда, таълифи Ҳофизи Таниш аст. Воқеаҳои давраи Абдуллоҳхони II (1534 – 98)-ро дар бар мегирад, ки бо супориши махсуси худи ӯ таълиф ёфтааст. Ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Китоб бояд аз муқаддима, ду мақола – фасл ва хотима иборат мебуд, вале хотимаи китоб то ба мо нарасидааст. Истилои мугулҳо, ташкил ёфтани давлати Абдуллоҳхон ва шаҷараи *Шайбониён* дар қисми муқаддимавии китоб тасвир ёфтааст. Мақолаи якум воқеаҳои аз рӯзи таваллуди Абдуллоҳхон то ба тахт нишастани ӯро инъикос менамояд. Ин ҷо аз хусуси ҷангҳои хон алайҳи Наврӯз Аҳмадхон ва *Абдуллатифхон* (1510), Бухороро забт кардани *Абдуллоҳхон* (1570), хони томи ӯзбекҳо эълон шудани *Искандархон* (1561), муборизаи ӯ бо шоҳзодагони саркаш, ба аморати Бухоро тобеъ намудани Балх (1573), Самарқанд (1578) ва ғ. сухан меравад. Мақолаи дуюм дар бораи ҳодисаҳои баъди ба тахт нишастани Абдуллоҳхон аст. Дар ин қисми китоби «А.» сухан дар хусуси забти Бадахшон, Хуросон, Гелон ва Хоразм, тезу тунд шудани муносибати ӯ бо писараш Абдулмӯъмин маълумот зиёданд. Дар бораи хусусиятҳои этникии халқҳои Осиёи Миёна ва урфу одати онҳо маълумоти гаронбаҳо дода шудааст. Бахши «Хотима»-и китоб дар зикри ҳолу аҳволи машоихи тариқат, уламои динӣ, умаро, шоирони муосири муаллиф ва васфи биноҳои таърихии давраи ҳукумати Абдуллоҳхон аст. Ҳофизи Таниш дар навиштани «А.» аз асарҳои таърихии Наршахӣ, Рашидуддин, Ҷувайнӣ, Мирхонд, Алии Яздӣ, Кошифӣ, Мирзо Ҳайдар ва диг. истифода кардааст.

АБДУЛЛОҲХО́Н (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз хонҳои шайбонӣ, аз ашрофзодагони мугул, сипаҳсолор ва ҳокими мустақил дар Мовароуннаҳр (а. 16). Модараш Оиша Бегим яке аз духтарони Ҳусайн Бойқаро буд. Аз с. 1530 А. ба унвони сипаҳсолор дар хидмати сипоҳи *Бобур* будааст. Бобур дар китоби худ «Бобурнома» аз ӯ ёд кардааст. А. дар юришҳо ва ҷангҳои Бобур ва сипаҳсолори темурӣ *Қосим Ҳусайн* султон дар Ҳинд фаъолона ширкат доштааст. Баъд аз марги Бобур А. ба хидмати *Ҳумоюн* пайваст ва дар юришҳо ва ҷангҳои ӯ алайҳи мулуки Панҷоб ва вилоёти дигари Ҳиндустон ширкат намуд. А. бо духтари Қосим Барлос (султони қазоқ аз хонадони Ҷучӣ) издивоҷ намуд. Вай дар барқарории ҳукумати Ҳумоюн, бахусус дар ҷанги ӯ бар зидди *Сур Афғон* нақши муассире дошт. А. дар муҳимтарин юришҳои Акбаршоҳ низ ширкати мустақим дошт (чунончи, дар набарди маъруфи Панипат, с. 1556) ва баъд аз ин аз тарафи шоҳ бо лақаби волои «Шуҷоатхон» сарфароз гардид. А. ҳамчунин дар юришҳои Акбаршоҳ алайҳи *Хон За-*

мон (Аликулии Ӯзбек), ки ҳокими Ҷанпур буд, ширкат варзид.

Ад.: Бобур М., Бобурнома, Тошканд, 1965; Гулбаданбегим, Ҳумоюннома, Тошканд, 1965. *Л. Бойматов.*

АБДУЛЛО́ҲХОН ибни Искандар (1532/33, Офаринкенти Миёнколи Зарафшон – 8. 2. 1598, Самарқанд), маъруфтарин ҳукмфармо аз сулолаи *Шайбониён*. Падараш Искандархон, бобояш Ҷонибек, бобокалонаш Хоҷа Муҳаммад ибни *Абулхайрхон*. Аввал дар Кармина буд, ҳамлаи ҳокими Тошканд Наврӯз Аҳмадхон ва *Абдуллатиф*ро рафъ карда, падарашро, ки ба ҷониби Амударё фирор карда буд, дубора ба вил. Кармина баргардонд. Баъдтар Қаршиву Шаҳрисабз ва вил. Бухороро ба даст даровард. Лекин аз дасти душманон с. 1555 ба Маймана фирор карда, баъд аз фавти душмани қудратмандаш Наврӯз Аҳмадхон (окт. 1556) аз нав Кармина-ву Шаҳрисабз ва Бухороро тасарруф намуд (1557). Бухоро аз ин баъд то замони забт аз тарафи русҳо (а. 19) маркази асосии сиёсӣ ва фарҳангӣ дар Мовароуннаҳр шуд. Ҳукуматро А. ба таври расмӣ (баъд аз марги падараш) аз с. 1583 ба даст гирифт. Соли 1570 Тирмиз, 1573 Балх, 1574 Ҳисор, Ӯротеппаву Хуҷанд, 1578 Самарқанд, 1582 – 83 Тошканд, Андиҷон ва диг. вилятҳои водии Фарғонаро низ ба тобеияти худ даровард. Соли 1582 зидди қабоили қазоқ лашкар кашида Шоҳрухия, Сайрам ва Оҳангаронро ба тасарруфи худ даровард. Бадахшон, Хатлон, Қундуз (1584) ва Хуросону Гелон ва баъди муҳосираи мадид Ҳиротро (1588) низ ба худ тобеъ намуд. Дар замони А. хонигарии *Бухоро* аз ҳудуди Қошғар (дар Шарқ) то Туркистону Сайрам (дар Шимол), то бахшҳои шарқии Хуросон (дар Ҷануб) имтидод пайдо кард. Зиндагии баъдии А. пур аз ҷанҷол бо писараш Абдулмӯъмин (аз ох. 1582) буд. Хон ҳокими Балх буд ва даъво дошт ҳокими воқеӣ гардад. А. ба ҳеч вақ намехост бар нафъи писари худ гузашт кунад. Ақвоми сахрогарди ӯзбек бо истифода аз зиддияти падару писар, пайваста ба Тошканду Самарқанд ҳамла мекарданд. А. барои ҳимояи сарҳадоти моликияташ бо сипоҳи азим ба ҷониби Самарқанд равон шуд, вале дар роҳ фавтид (8 февр. 1598). Писараш Абдулмӯъмин низ баъд аз ним соли марги падараш кушта шуд. Дар аҳди ӯ дар Бухоро ва вилоёти дигар роҳҳо, пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо, мадрасаҳо, тимҳои тиҷорат, бозорҳо, ҳаммомҳо сохта шуданд. *Мадрасаи Абдуллоҳхон* (дар Бухоро), *Мадрасаи Кӯкалтош* (дар Тошканд), *Тими Абдуллоҳхон* (дар Бухоро), Пули Кармина низ ба замони А. тааллуқ доранд. Дар замони ӯ ҳамчунин зарби сиккаҳои тилло шурӯъ гардид.


Ад.: Ҳофиз Таниш ибн Мирмуҳаммад Бухорий, Абдулланома, Шарафномаи шоҳий. I - II жилд, Тошкент, 1966 – 1969; Бартольд В. В., Абдулла б. Искандер // Бартольд В. В., Сочинения, т. II, ч. 2, М., 1964; Ғафуров Б. Ғ., Тоҷикон, кит. 2, Д., 1985; Хамза Камол, Политическая история Мавераннахра XVI, Д., 2007. *Л. Бойматов.*

АБДУЛМАЛИ́К И́БНИ МАРВО́Н (с. тав. тақр. 674 – ваф. 705, Димишқ), халифа аз силсилаи *Умавиён*. Солҳои 685 – 705 ҳукуматдорӣ кардааст. Дар манбаъ ва маъхазҳои таърихӣ А. сахтгир ва сангдилу бераҳм ёдрас шудааст, ки дар фурӯ нишондани қиёму шӯришҳо (аз қабили шӯриши Абдуллоҳ ибни Зубайд дар Макка ва Ироқ, 685 – 693; Абдуллоҳ ибни Ашъас дар Систон, 700 – 702) маъруф буд. Дар даврони ҳукуматдории ӯ футӯҳоти араб хеле тавсеа ёфт ва бисёр минтақаҳои Хуросону Мовароуннаҳр низ аз тарафи сипоҳиёни араб фатҳ гардиданд. Ҷорӣ намудани забони арабӣ ба унвони забони давлатӣ, бекор намудани гардиши пулҳои румию эронӣ ва зарби сиккаҳои ягонаи арабӣ дар саросари хилофат, иқдомот барои рушди фарҳанги исломӣ аз муҳимтарин ислоҳоти А. ҳисоб меёбанд.

АБДУЛМАЛИКИ I (935, Бухоро – 961, ҳамон ҷо), панҷумин амири сомонӣ, писари калонии амир *Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ*, машҳур ба «Амири Рашид». Амир Нӯҳ васият кардааст, ки пас аз марги вай чаҳор писараш ба тартиби бузургӣ яке пас аз дигаре ба салтанат бирасанд. Пас аз он ки амир Нӯҳ аз дунё рафт, бузургони дарбор А. I-ро, ки ҳанӯз даҳ сол дошт ва бузургтарин фарзанди Нӯҳ буд, ба аморат нишонданд. Ба ҳар ҳол, тибқи расми дерини амирони сомонӣ, ҳукумат дар дасти вазир қарор гирифт, яъне вазорати А. I-ро *Муҳаммад ибни Узайр* ӯҳдадор шуд ва мақоми сипаҳсолорӣ бар турке ба номи Бакр ибни Молики Фарғонӣ мавриди таъйид қарор гирифт. А. I замоне бар тахт нишаст, ки давлати Сомониён рӯ ба таназзул ниҳода буд. Ҳар соҳибмансабе саъй мекард, ки соҳиби замине бошад. Ҳатто худи Бакр ибни Молики Фарғонӣ соҳиби замини бузурге дар Фарғона буд. Баъди ба сари ҳокимият омадани А. I дар мамлакат даргириҳо хеле афзуданд: Бакр ибни Молик бо Абуалии Чағонӣ дар Хуросон ба ҳарб пардохт; Рукнуддавла ба Гургон ҳамла карда ҳокими он сарзамин Вушмгирро мағбур ба фирор кард; вазир Ибни Узайр зиндонӣ шуда, ба ҷояш аввал Абуҷаъфари Утбӣ ва пас аз як сол Абумансур Юсуф ибни Исҳоқ (959) таъйин шуд. Пас аз муддате Амири Рашид аз асп афтода аз олам даргузашт. Даврони салтанати А. I ва вазирии Муҳаммад ибни Узайр даврони бӯҳронии давлати Сомониён аст. Дарбори амирони сомонӣ бо саъйи Бакр ибни Молик ва бархе аз амалдорони турк зери дастгоҳи низомии туркон қарор гирифт. Тадбирҳои амири ҷавон А. I ҷиҳати рафъи бӯҳрони давлатӣ натиҷаи дилхоҳе надоданд. А. I ва баъд аз ӯ ҷонишинонаш бидуни мувофиқати туркон қодир ба коре набуданд. Роҳбарии аслӣ дар дасти низомиёни турк ва *Алптегин* буд.

Ад.: Фурӯзонӣ Абулқосим, Таърихи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Сомониён, Т., 1381; Фрай Р. Н., Сомониён. // Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то омадани давлати Салҷуқиён. Аз фурӯпошии давлати Сосониён то омадани Салҷуқиён (тарҷумаи Ҳасани Анӯша), Т., 1380; Ноҷӣ Муҳаммадризо, Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қалламрави Сомониён, Т., 2007.

Л. Бойматов.



Мадрасаи Кӯкалтош (Тошканд).

АБДУЛМАЛИ́КИ II (с. тав. ва ваф. номаълум), охирин ҳокими Мовароуннаҳр, аз хонадони Сомониён. Пас аз суқути салтанати бародараш Мансур ибни Нӯҳ сардори давлат шуд. 16 майи 999 дар ҷанги назди Марв аз Маҳмуди Ғазнавӣ сахт шикаст хӯрд ва Хуросонро ба ӯ гузошта ба Бухоро баргашт. Тирамоҳи ҳамон сол ба Бухоро Наср ибни Алии Қарохонӣ ҳуҷум кард. А. оммаро бар зидди душман бархезонда натавонист. Лашкаркашон, аз ҷумлаи ғуломони турк, ба тарафи душман гузаштанд. 23 окт. 999 Наср ибни Алӣ бе ҷанг ба Бухоро дохил шуд ва А.-ро бо диг. намояндагони хонадони Сомониён ба Ӯзганд бадарға кард.

Ӯ. Пӯлодов.

АБДУЛМАЛИ́КИ ҶУВАЙНӢ ибни Абдуллоҳ ибни Юсуф ибни Муҳаммади Ҷувайнии Нишопурӣ (тав. 1028, деҳаи Ҷувайн – 1085, Нишопур), фақеҳ, муфассир ва адабиётшиноси форс-тоҷик. Аз А. Ҷ. мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки китобҳои зерин аз ҷумлаи онҳоянд: «Аш-шомил фӣ усул-ид-дин», «Албурҳон фӣ усул-ил-фиқҳ», «Тафсирул-Қуръон», «Ал-иршод ило қавомиил-адилла фӣ усул-ил-эътиқод», «Ниҳоят-ул-матлаб фӣ дироят-ил-мазҳаб». *М. Мудинов.*

АБДУЛМАНО́НИ КОТИ́Б ибни Абдулваҳҳоби Шошӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (ох а. 19 – авв. а. 20). Аслан аз Тошканд аст. Дар навиштани ҳафт навъи хат моҳир буда, асарҳои бисёреро китобат намудааст. Аз ҷумла асарҳои Иноятуллоҳи Шайхи Бухороӣ «Ҳошияи Охунди Шайх» (1901, таҳти рақами 8372), Мавлавӣ Абдулҳай «Ӯҳдат-ур-риоя» (1909, таҳти рақами 7509), Муҳаммад Олим «Кашкӯл» (1912, таҳти рақами 3517), Афзал Махдуми Пирмастӣ «Афзал-ут-тазкор» (1917, таҳти рақами 3761), Биноӣ «Боғи ирам» (1917, таҳти рақами 3761), Алишери Навоӣ «Хамса» (1905, таҳти рақами 11544), «Маҷолис-ун-нафоис» (1917, таҳти рақами 3761) ва ғ-ро бо хати зебою хоно китобат кардааст, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Инти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд. *С. Султонов.*

АБДУЛМАҶИ́ДИ ТОЛИҚОНӢ (тақр. 1737/38 – 1771/72, Исфаҳон), хаттот. А. Т. бо номи Дарвеш Абдулмаҷид низ машҳур аст. Ӯ яке аз беҳтарин устодони навъи хати шикаста буда, дар навиштани хатҳои настаълиқ ва таълиқ низ моҳир будааст. Ба ҳунари хаттотии А. Т. бисёр устодони баъдина – Муҳаммад, Қосим, Абдулваҳҳоб Мӯътамадуддавла ва диг. баҳои баланд дода, худро аз шогирдон ва пайравони сабки А. Т. донистаанд. Тибқи маълумоти сачашмаҳо А. Т. табъи шоирӣ низ доштааст ва бо тахаллуси «Маҷид» ва «Хомӯш» шеър гуфтааст.

Ад.: Қ а з и А х м е д, Трактат о каллиграфах и художниках, М. - Л., 1947; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988; А ш р а ф ӣ М., Миниатюра: От Бехзода до Ризай-и Аббаси, Д., 2011.

АБДУЛМУ́ИС (3. 7. 1886, Букетинш – 17. 6. 1959, Бандунг), нависанда ва журналисти индонезиягӣ. Мактаби олии тиббии Ҷакартаро хатм кардааст. А. яке аз роҳбарони нахустин ташкилоти оммавии индонезиягии «Шарикати ислом» буд. Романи А. «Тарбияи нодуруст» (1928) яке аз муҳимтарин асар дар адабиёти индонезиягӣ ба шумор меравад. Дар ин асар А. нодуруст фаҳмидани маданияти Ғарбро аз ҷониби баъзе ҷавонон тасвир намудааст. Мавзӯи дигари роман танқиди таъқиби нажодӣ мебошад. Ба қалами А. инчунин романҳои «Сурапати» (1951), «Роберт, писари Сурапати» (1953) тааллуқдоранд. Асари панду ахлоқии «Бахтиёрнома»-ро, ки аз адабиёти форс-тоҷик ба адабиёти индонезиягӣ гузашта, ба забони малайӣ тарҷума шуда буд, бо таҳриру тавзеҳот ба табъ расонидааст. Ба забони малайӣ асарҳои нависандагони машҳури дунё – Сервантес, Марк Твен ва дигаронро тарҷума кардааст.

АБДУЛМЎЪМИН ибни Абдуллоҳ ибни Искандар (тав. номаълум – ваф. 1599), охирин хон аз хонадони *Шайбониён*. Солҳои охири ҳукумати *Абдуллоҳхон* дар зиддияти тамом бо ягона писараш А. сипарӣ шуд. А. аз с. 1582 дар Балх ва Бадахшон аз номи падари худ Абдуллоҳхон ҳукмронӣ мекард. А. аз падари худ иддаои ҳукумати воқеӣ кард, аммо Абдуллоҳхон ба ҳеҷ ваҷҳ намехост мавқеи хешро аз даст диҳад. Фақат бо дахолати рӯҳонияти Бухоро зиддияти писару падар бартараф гардид ва А. ақиб нишаст. Қавмҳои бодиянишин, ки аз зиддияти падару писар огоҳӣ доштанд, вориди вил. Тошканд шуда, дар дашти миёни Тошканд ва Самарқанд қарор гирифтанд. Абдуллоҳ, ки бо ҳадафи шикаст додани душман аз Бухоро ба ҷониби Самарқанд равон шуда буд, бар асари беморӣ фавтид (8 февр. 1598). А. соҳиби тахт шуда, аз рӯзҳои аввали салтанаташ рақибонашро бераҳмона аз миён бардошт. Ҳукуматаш дер накашид. Вай пас аз шаш моҳи салтанат, дар натиҷаи суиқасди ҷонибдорони падараш ҳангоми шикор, дар мавзеи миёни Ӯротеппа ва Зомин ба қатл расид. Пас аз қатли А. ашрофи ҳокими шайбонӣ ва рӯҳонияти Мовароуннаҳр ба ду гурӯҳи ба ҳам зид ҷудо шуданд ва мубориза миёни онон барои ба сари қудрат овардани хони нав ба муддати зиёд тӯл кашид. Пас аз марги А. бисёре аз шаҳрҳо ва вилоёти Мовароуннаҳр аз қабили Ахсекат, Андиҷон, Тошканд, Фарғона ва ғ. зери тасарруфи қазоқҳо қарор гирифтанд.

Ад.: Б а р т о л ь д В. В., Сочинения, т. II. Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии, М., 1964; Х а м з а К а м о л, Политическая история Мавераннахра в XVI в., Д., 2007.

Л. Бойматов.

АБДУЛМЎЪМИНИ САМАРҚАНДӢ ибни Муҳаммадшариф (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Самарқанд. А. С. асарҳои бисёреро китобат карда, дар хушнависӣ машҳури замонаш гардидааст. Намунаи беҳтарини асари китобаткардаи ӯ девони «Хазоинул-маонӣ»-и Алишери Навоӣ (1840) мебошад, ки бо хати зебои настаълиқ рӯи коғази самарқандӣ хаттотӣ шудааст. Ин нусха ғайр аз хати зебову хоно лавҳаву нақшунигори аҷоиб низ дорад. *С. Султонов.*

АБДУЛМЎЪМИНИ УРМАВӢ ибни Фохир, машҳур ба Сафиуддини Урмавӣ (1230, Урмия – 1294, Бағдод), мусиқидон, хаттот ва оҳангсози форсу тоҷик. Дар мусиқӣ, китобат ва шеъру шоирӣ табъи баланд дошт. Донишҳои ибтидоии замонаашро дар зодгоҳаш фаро гирифта, баъд таҳсилро дар мадрасаи Бағдод идома додааст. Асари калонтарини илмию назариявиаш «*Китоб-ул-адвор*» (1252) мебошад, ки доир ба масъалаҳои муҳими санъати мусиқӣ баҳс мекунад. А. У. дар дарбори хонҳои муғул надим ва китобдор буд. Дар ин давра асари дигари худ «*Рисолат-уш-шарафия*»-ро барои Шамсуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷувайнӣ навишт, ки он оид ба мақомҳо, таркиби овозии онҳо, созҳои торию мизробии мусиқӣ мисли уд, таркиби пардавии он, афкори мусиқии Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, дар бораи консонансу диссонанс (муттафиқу мутанофир), зарбу вазн ва ғ. маълумот медиҳад. А. У. бори аввал дар таърихи афкори мусиқии Шарқ табулатураи (як шакли нотанависӣ) мусиқиро ба вуҷуд овард. Дар сознавозӣ (уд), донишҳои назариявии мусиқӣ беназири замонаш буд. Мусиқишиноси европоӣ Р. Кизеветтер (1778 – 1850) А. У.-ро Ҷозеффо Сарлинои (1517 – 90) Шарқ номидааст. А. У. офарандаи

созҳои мусиқии Нузҳат ва Муғаннӣ мебошад. Рисолаҳои «Ал-иқоъ», «Фоида фи-л-илм-ил-мусиқӣ», «Китоб-ул-кофӣ мин-ал-шофӣ фи улум-ил-арӯз ва-л-қавофӣ» низ ба қалами А. У. мутааллиқанд. Рисолаҳои А. У. дар асрҳои минбаъда бо саъю эҳтимоми мусиқидонон тарҷумаю тафсир шуда, шарҳи Абдулқодири Гӯянда, Муборакшоҳӣ (ба забони форсӣ-тоҷикӣ) ба онҳо аз ҷумлаи беҳтаринҳост. Нусхаҳои комили таълифоти мусиқии А. У. дар китобхонаҳои Бодлиён, Париж, Мадрид, Лейпсиг, Қоҳира ва Санкт-Петербург маҳфузанд. Асарҳои А. У. ба забонҳои франсавӣ, немисӣ, англисӣ ва туркӣ низ тарҷума шудаанд. А. У. дар соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг шогирдони бисёре тарбия намудааст. Хаттот Яъқуби Мустаъсимӣ (ваф. 1298), мусиқидон Шамсуддин Аҳмад ибни Яҳёи Суҳравардӣ (ваф. 1340), олимон Шарафуддин Ҳорун ибни Муҳаммади Ҷувайнӣ (ваф. 1286) ва Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷувайнӣ (ваф. 1279), сароянда ва навозандагон Алии Ситоӣ, Ҳусейни Замир, Ҳисомуддини Қутлутбуқо, Зайтун, Луҳоз аз ҷумлаи шогирдони ӯянд.

Ад.: Рачабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои 12 – 15, Д., 1989; ҳамон муалл. Сафиуддини Урмавӣ ва замони ӯ, Д., 2005; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБДУЛМӮЪМИ́НИ ҲОФИ́З (с. тав. ва вафот номаълум), ҳофиз, сароянда ва оҳангсози форсу тоҷик (а. 14 – 15), намояндаи машҳури мактаби мусиқии Самарқанди замони Темуриён. Аз аҳли Самарқанд буда, дар назди *Абдулқодири Гӯянда* асосҳои назариявӣ ва амалии шеъру мусиқиро омӯхтааст. Дар ҳофизӣ яке аз санъатварони маъруфи замон буд ва дар дарбори ҳокими Бағдод Султон Аҳмади Атласпӯш хизмат мекард. А. Ҳ. асарҳои машҳури Абдулқодири Гӯянда «Амали бӯстон», «Амали гесӯ», «Амали гулистон», «Амали хористон»-ро дар назди санъатдӯстони Бағдод, Ҳирот, Самарқанд бо маҳорат иҷро мекард. Вақти сароидан аз авҷҳои хеле мураккаби овозхонӣ истифода менамуд ва ӯро «Ҳофизи зилхон», «Ҳофизи авҷӣ» ҳам меномиданд. Ғазалро некӯ мегуфт. Ба ғазалҳои Саъдии Шерозӣ тазминҳо бастааст.

Ад.: Рачабов А., Маданияти мусиқии тоҷик дар асрҳои XIII – XIV, Д., 1987; ҳамон муалл., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБДУЛМӮЪМИНХО́Н (с. тав. номаълум – ваф. 1599), аз сулолаи Шайбониён. Писари *Абдуллоҳхони* II. Ҳокими Балху Бадахшон (1582 – 98) ва хони Бухоро (1598 – 99) буд. Аз с. 1589 муносибати падару писар бад шуд. Сабаб он буд, ки Абдуллоҳхони II Ҳиротро аз дасти Сафавиён баргардонда, сипас ба Қулбобо Кӯкалтош инъом кард. Бар замми ин ноибони хуросониаш ба Қулбобо Кӯкалтош ва султон Динмуҳаммад муроҷиатномаи итоат накардан ба А. ва ҳатто ҷисман нобуд кардани ӯро пешниҳод намуданд. Бо ин мақсад ҳокими Абевард Нурмуҳаммадхонро дастёрӣ карда, бар зидди А. бархезонданд. Баъди вафоти падар А. ба Бухоро баргашта, соҳиби тахт шуд. Ӯ бо сафавиёни Эрон барои забти Хуросон ҷангро давом дод. А. қалъаи Балхро, ки муғулҳо хароб карда буданд, аз нав барқарор намуда, назди мазори Хоҷа Абунасри Порсо, ки дар Балх воқеъ аст, кӯшки боҳашамате бунёд кард.

АБДУЛОВ Карим (тав. 26. 02. 1939, деҳаи Сурхкати ноҳ. Кӯҳистони Мастчоҳ – 5. 12. 2010, Хуҷанд) иқтисоддон, таърихнигор, доктори илми таърих (1990), профессор (1991). Корманди шоистаи Тоҷикистон (1997). Техникуми молияи Сталинобод (1958) ва УДТ-ро (1964) хатм кардааст, солҳои 1964 – 67 котиби ташкилоти комсомолии ҳамин донишгоҳ, 1968 – 73 сарвари гурӯҳи лекторҳо, 1973 – 85 мудири шӯъбаи ташвиқоти Комитети Ҳизби коммунистии вил. Суғд, 1985 – 89 ҷонишини мудири шӯъбаи Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, 1989 – 90 дотсент, докторант ва проф. УДТ. Солҳои 1991 – 92 мудири котиботи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон, 1992 – 94 мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва ноиб-ректори соҳаи маънавиёти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон. Аз с. 1997 сармутахассиси Маркази таҳлил ва иттилооти Маҷомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вил. Суғд, узви Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, раиси ҷамъияти «Дониш» ва ҷонишини Раиси шӯрои Ҳаракати ваҳдати миллии вил. Суғд, узви шӯрои марказии Ҳаракати ваҳдати миллии Тоҷикистон, Шаҳрванди фахрии ш. Хуҷанд, сардабири ҳафтавори «Анвори дониш». А. олими пурмаҳсул буда, дар давоми фаъолияти илмию эҷодиаш 110 китоб таълиф ва нашр кардааст. Аксари китобҳои ӯ ба таърихи Тоҷикистон бахшида шудаанд ва арзиши баланди илмӣ доранд. Ҷилди 12-и «Дар ин дунё»-и А. с. 2007 дар Намоиши байналхалқии китоб дар ш. Москва сазовори Дипломи дараҷаи I гардид. Китобҳои «Сиёсатномаи асри 21» ва ҷилди 12-и «Дар ин дунё» дар Китобхонаи Конгресси ШМА низ маҳфузанд. Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо, ҷоизаҳои ба номи академик Б. Ғафуров, А. Баҳоваддинов, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ сарфароз гардидааст.



Ос.: Лоиқи миллат, Х., 1999; Бахти таърихӣ, Д., 2001; Сиёсатномаи асри 21, Х., 2001 – 2002; Даврони сарнавиштсоз, Д., 2004. Дар ин дунё (иборат аз 18 ҷилд, 17 ҷилд нашр шуда), Х., 1994 – 2008; Аркони миллат, Д., 2007; Роҳи бехбуд, Х., 2009. *Б. Раҳматов.*

АБДУЛФАЁЗ ДӮСТОВ, деҳа дар Ҷамоати деҳоти Тӯғалони ноҳ. Ҷалолиддини Румии вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 2 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2800 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз канали Қумсангир обёрӣ мешаванд. Деҳа ба шарафи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ *Дӯстов Абдулфаёз* номгузорӣ шудааст.

АБДУЛФАТТО́Ҳ ибни Мулло Абдулхалили Ҷӯйборӣ (с. тав. ва вафот номаълум), хаттоти тоҷик (нимаи дуюми а. 19 – ибт. а. 20). Зодгоҳаш Бухоро. Дар навиштани чанд навъи хат, бахусус анвои хати настаълиқ машҳур будааст ва китоби бисёреро бо хати зебову хоно китобат намудааст. «Кимиё» ном китобе бо хати зебои ӯ рӯнавис шудааст, ки аз 303 варақ иборат буда, таҳти рақами 1561 дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АБДУЛХОЛИ́ҚИ ҒИҶДУВОНӢ ибни Абдулҷамил (с. тав. номаълум – ваф. 1179, Ғиждувони Бухоро), назариётчӣ ва асосгузори тариқати хочагон, пири рӯҳонии *Баҳоуддини Нақшбанд*, яке аз шогирдони маъруфи *Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ*. Осори бисёре боқӣ мондааст, ки мазмунҳои фалсафию ирфонӣ доранд. Муҳимтарини онҳо «Маноқиби Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ», «Ибтидои ҷомеъ-ул-кулам», «Маслак-ул-орифин» мебошанд. «Ибтидои ҷомеъ-ул-кулам» панду насиҳатҳои муаллиф ба писархондаш Авлиёи Кабир мебошад, ки бо номи

«Васиятнома» низ машҳур аст. Вай дар ин рисола асосан дар бораи шартҳо ва вазифаҳои солики роҳи ҳақиқат, ки иҷрои онҳо барои ҳар як суфии ин роҳро пешгирифта ҳатмӣ ва зарурӣ аст, сухан рондааст. Шарти аввал ва умдае, ки Хоҷа Абдулхолиқ дар назди солики роҳ мегузорад, порсоманишӣ ва мутадайин будани ӯ мебошад. Суфии ҳақиқӣ он аст, ки тамоми аркони шариатро риоя намуда, вазифаҳои тариқатро ба ҷо оварад ва ризқу рӯзиашро бо меҳнати ҳалоли худаш пайдо кунад. Солик бояд қадру қимати пири худро арҷ гузорад. Зеро муршид аст, ки равандаи роҳро барои расидан ба каъбаи мақсуд ҳидоят мекунад, пеш аз ҳама бояд кӯшиш кунад, ки нафси хешро аз молу ҷоҳталабӣ озод намояд:

Гар дар талаби ҳукму сиёсат бошӣ,
Кай соҳиби донишу киёсат бошӣ.
Ҳаргиз натавон солики роҳат гуфтан,
Гар з-он, ки талабгори риёсат бошӣ.

А. Ғ. агар аз як тараф ба сӯфиён меомӯхт, ки ба самоъ камтар машғул шаванд, аз тарафи дигар, вай самоъро тамоман инкор намекард:

Инкор макун самоу мақбул мадор,
Илло зи касе, ки зиндадил бошад ёр.
Гар нафси ту мурда нест аз шӯхрату оз,
Бо савту салот бошу дигар бигузор.

Мувофиқи таълимоти ахлоқии ӯ шахс танҳо дар сурати дурию иҷтиноб ҷустан аз хислату рафторҳои бад маҳбубу мақбули мардум шуда метавонад. Ӯ пайравони худро ба саодатмандӣ, нисбат ба дигарон ғамхору меҳрубон будан даъват карда, интиқомҷӯиро намепазируфт. Ин нуқтаи таълимоти ӯро баъдтар пайравони тариқаи нақшбандия касб карда, шиори «маранҷу маранҷон»-ро ба миён оварданд. Дар таълимоти А. Ғ. боварӣ ба сарнавишту қисмат ҷойи хос дорад ва ба таълимоти ислом зич алоқаманд аст. Таълимоти А. Ғ. минбаъд дар ташаккули таълимоту таъсиси тариқаи нақшбандия таъсир расонд ва то ҳол аҳамияти худро гум накардааст. *А. Муҳаммадхоҷаев.*

АБДУЛҲА́ЕВ Рақиб (тав. 10. 2. 1938. деҳаи Урметан, ноҳ. Айнӣ), таърихнигор, доктори илми таърих (1993), проф. (1999), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи УДТ (1961). Аспирант, ходими хурди илмӣ, ходими калони илмии Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ (1962 – 75), дотсенти кафедраи таърихи ДДСТ ба номи Мирзо Турсунзода (1976 – 79), ходими калони илмӣ (1979 – 88) ва мудири шӯъбаи



таърихи навини (1988 – 98) Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ буд. Аз с. 1999 мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон. Тадқиқоташ ба масоили ҳаёти даврони шӯравии мардуми тоҷик, аз ҷумла барқароршавии ҳокимияти советӣ дар болооби Зарафшон, сохтмони маданӣ ва пешрафти маорифи халқ, рушди обёрӣ ва корам кардани заминҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Солҳои охир ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатии мардум таваҷҷӯҳ намуда, дар ин бобат асару мақолаҳои бисёре навиштааст.

Ос: Упрочение советской власти в районах верховьев Зерафшана (1918 – 1923), Д., 1970; Рамзи дӯстии вайроннашаванда, Д., 1982; Чароғи маърифат, Д., 1987; Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане, Д., 1988; Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1941), қисми 1, Д., 2003; Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1946 – 1960), қисми 2, Д., Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1961 – 2000), қисми 3, Д., 2008.

Ад.: Абдулҳаев Рақиб Абдулҳаевич (библиография), Д., 2008.

АБДУЛҲА́Й (1360, Бағдод – 1420, Самарқанд), мусаввир ва хаттоти форс-тоҷик. *Устод Шамсуддини Самарқандӣ* ӯро ба тарбият гирифта, тамоми нозукиҳои ин ҳунарро ёд додааст. Дере нагузашта А. чун мусаввири дарбори Султон Увайси Ҷалоирӣ ном мебарорад ва шӯхрататаш аз ҳудуди давлати Ҷалоирия, ки пойтахти он Бағдод буд, берун мебарояд. Соли 1393 Темур Ирокро истило мекунад ва А.-ро дар қатори ғаниматҳо аз Бағдод ба Самарқанд оварда, сардори устохонаи суратқашии худ таъйин мекунад. А. дар тасвири манзараҳо, қиёфаи одамон, сурати ҳайвонот, додани обуранг, истифодаи тазодҳо ва таносуби унсурҳои тасвир моҳир будааст. Аз осори ӯ «Бат» («Мурғобӣ»), «Манзараи ҷанг», тасвири чанд манзараи ҳикоятҳои «Гулистон» то замони мо омада расидаанд. Дар асарҳои А. тасвири ҳаракат ба мушоҳида мерасад. Таъсири эҷодиёти А. дар инкишофи минбаъдаи санъати рассомии Хуросон, Мовароуннаҳр ва Эрон калон аст. Дар охири умр А. бо таъсири доираҳои иртиҷоӣ аз рассомӣ даст кашида, аксари осори рассомии худро оташ зад. А. хаттоти моҳир низ буда, хати насхро дар китобат ва сулсу риқоъро дар ороиш бештар ба кор мебурдааст.

АБДУЛҲА́Й Собирзода (1869, деҳаи Чормағзаки Қаротегин – 1951, ҳамон ҷо), шоири тоҷик. Дар назди падараш савод бароварда, сипас таҳсилро дар яке аз мадрасаҳои Хӯқанд давом додааст. Баъд аз хатми мадраса ба зодгоҳаш баргашт ва ба деҳқонӣ машғул шуд. Ба шеъру шоирӣ дар айёми таҳсил майлу рағбат пайдо кард. Аз А. девоне боқӣ мондааст, ки 170 ғазал, 16 мухаммас, як муноҷот, 74 рубоиро дар бар мегирад. Мавзӯъҳои ашъораш васфи ишқу муҳаббат, даъват ба ахлоқи ҳамида, танқиди зулму золимон ва ғ. мебошад. Абёти зерин аз ӯст:

Ёди аҳли ҷоҳ бар дил ҷуз ғаму озор нест,
Водареғо, мардумонро дидаи бедор нест…
Банда Абдулҳай наяндешад зи макри
золимон,
Ҳар кӣ иззат ёфт аз халқ, назди золим
хор нест.

Ад.: Ҳабибов А., Ганҷи парешон, Д., 1984.
А. Хабибов.

АБДУЛҲА́ЙИ МУҶАХАРФӢ, Шайх Абдулҳайи Домулло Муҳаммадсобири Абдулазим (1867, деҳаи Муҷахарфи Рашт – қатл 1931, маҳаллаи Сариосиёи Душанбе), адиб, донишманд ва орифи тоҷик. Падари А. М. таҳсилкардаи яке аз мадрасаҳои Бухоро ва муфтии Муҷахарф буд. А. М. таҳсили ибтидоиро назди падар шурӯъ карда, минбаъд аз шайх Шаҳобуддини Ёзғандӣ (пири тариқат дар Тавилдара) сабақҳои мазҳабӣ гирифтааст. А. М. дар баробари огоҳии комили мазҳабӣ аз илмҳои роиҷи замонааш – адаб, сарфу наҳви форсию арабӣ, тасаввуфу ирфон, фалсафа ва амсоли инҳо ҳам баҳраманд гардидааст. А. М. асосан дар зодгоҳаш ба таълиму тадриси масоили мазҳабӣ машғулият дошта, ҳамзамон асарҳои арзишманде низ эҷод кардааст. Соли 1930 ӯро ба ҷурми таблиғоти мазҳабӣ ва душмани Ҳукумати Советӣ тӯҳмат карда, ҳабс мекунанд ва с. 1931 ҳукми қатлаш иҷро мегардад. Аз А. М. мероси адабию илмии арзишманде боқӣ мондааст: «Муфиз-ул-анвор» (рисолаи таълимӣ-ирфонӣ иборат аз 5 боб), «Далел-ус-соликин» (асари манзуми ишқӣ-динӣ-ахлоқӣ иборат аз 3800 байт), «Муфид-ул-мӯъминин» (маснавии ахлоқӣ-динӣ иборат аз 4000 байт), «Девони ашъор» (иборат аз 968 ғазал, тарҷеот, маснавиҳои хурд, рубоиёт (102 адад), муноҷот, мухаммасҳо, наът, таърих, дубайтиҳо) ва «Канзул-мавоиз» (асари динӣ-ахлоқии мансури пораҳои манзумдошта, ки аз 35 боб иборат аст). Тамоми ин осори гаронбаҳо бо хати зебои настаълиқи муаллиф китобат шудаанд. Ба итти-

лои шоҳидон А. М. боз чанд асари дигар ҳам доштааст (аз ҷумла «Ойинаи шавқ», «Гулзори тақдир»), ки то ҳанӯз дастрас нагардидаанд. Дар осори А. М. ҳам мавзӯъҳои ирфонӣ-ахлоқӣ, ҳам матлабҳои соф динӣ-мазҳабӣ ва ҳам масоили иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва диг. мавзӯъҳои дунявӣ матраҳ гардидаанд. Ҳатто дар масоили соф мазҳабӣ ҳам А. М. мутаассиб набуда, воқеъбин аст. Чунончи дар «Муфид-ул-анвор меорад: «…маро аҷаб аст, ки мардум қатъи манозил ва тайи мароҳил намуда ба ҳаҷ мераванд, ки то ба Каъба бирасем, зеро осори анбиё дар он ҷост! Чаро қатъи бодияи нафсу ҳаво намекунанд, ки ба дилҳои худ бирасанд?!» Маснавиҳои А. М. дар пайравии маснавиҳои Саноӣ, Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ таълиф гардида, «Канз-ул-мавоиз»-и ӯ дар сабку услуби «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ эҷод шудааст. А. М. рӯю риёро намеписандид ва чунин «зоҳидон»-ро мазаммат кардааст:

Машоиххои ин даврон тамомӣ раҳзани динанд,
Ҳама афтода дар доми фиреботи шаётинанд. Барои сайди халқон густарида доми тазвире,
Гирифтори ҳавои нафс, фориғ аз ғами динанд…

А. М. дар ҳавзаи адабии Бухорои Шарқӣ аз суханварони маъруф маҳсуб меёфт.

Ос.: Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ, Муфиз-ул-анвор ва девони ашъор. Тадвини А. М. Ҳуросонӣ ва Б. Каримов, М., 2003.

Ад.: Х у р о с о н ӣ А. М., К а р и м о в Б., Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ. Алманахи Боргохи суҳан, кит. 1, М., 2003; Шоирони Моваройуннаҳр. Таҳияву тадвини А. М. Ҳуросонӣ, Д., 2006.

А. М. Ҳуросонӣ.

АБДУЛҲА́ҚИ ДЕҲЛАВӢ ибни Сайфуддини Деҳлавии Бухороии Туркӣ (тақр. 1551, Деҳлӣ, – 1642, ҳамон ҷо), суфии маъруф, шоир, муаррихи таърихи ислом ва географ. Гузаштагони ӯ аз Бухоро ба Деҳлӣ рафтаанд. А. Б. суфимаслак буда, пайрави тариқати қодирия будааст. Вай с. 1587 ба ҳаҷ рафта пас аз бозгашт с. 1642 дар Деҳлӣ фавтид. Оромгоҳаш дар он ҷост. А. Б. аз зумраи донишмандон ва таҳиягарони пурмаҳсулест. Вай бештар аз 100 таълифот дар улуми мухталиф дорад. Муҳимтаринашон инҳоанд: «Ахбор-ал-ахёр» (тарҷумаи ҳол ва маноқиби аҳли тасаввуф ва ин рисола таҳти унвони «Тазкираи мусаннифини Деҳлӣ» с. 1929 дар Ҳайдаробод ба чоп расид.); «Зикрул-мулук» ё «Таърихи Ҳаққӣ» – таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва низомии темуриёни Ҳинд; «Ҷазб-ул-қулуб ила диёр-ил-маҳбуб» – рисола дар бахши таърих, география ва муҳити табиии ш. Макка; «Мадорич-ун-нубувва» – дар баёни таърихи Паёмбари ислом; дар асл ин асар тафсирест бар китоби «Суфар-ас-саъда ал-Фирӯзободӣ» ва дар Ҳиндустон чандин бор ба чоп расидааст; рисолаи «Аҳволи аиммаи исно ашъара» дар баёни таърихи аимма ва ислом буда, бар пояи китоби «Фасл-ул-хитоб» -и Муҳаммад Порсо навишта шудааст. *Л. Бойматов.*

АБДУЛҲА́ҚОВ Нусратулло (10. 1. 1930, деҳаи Сияҳлояки ноҳ. Ховалинг – 2004, Душанбе), арбоби давлатӣ ва низомӣ, генерал-майори милитсия (1975). Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ (1946) ва Ин-ти давлатии педагогии Кӯлобро (1948) хатм карда, дар мактабҳои ноҳ. Балҷувон дарс додааст. Котиби якуми Комитети комсомолии ноҳ. Балҷувон (1950 – 52), мудири шӯъбаи Комитети ҳизби коммунистии ҳамин ноҳия (1952 – 53), котиби Комитети ҳизби коммунистии ноҳ. Данғара ва котиби якуми Комитети ҳизби коммунистии ноҳ. Даштиҷум (1953 – 54) буд. Таҳсил дар Мактаби олии ҳизбии назди КМ КПСС (ш. Тошканд, 1956 – 60), раиси комиҷроияи ноҳ. Шаҳритуз (1961), котиби якуми Комитети ҳизби коммунистии ш. Кӯлоб (1961 – 65), котиби КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, муовини Раиси Шӯрои Вазирон ва раиси Комитети назорати ҳизбию давлатӣ (июл – дек. 1965), раиси Комитети назорати халқии ҷумҳурӣ (1965 – 72), Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон (1972 – 80). Бо орденҳои Байрақи сурхи меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АБДУЛҲАМИ́ДИ КОТИ́Б Абуғолиб Абдулҳамид ибни Яҳё ибни Саъд (680 – 750), нависанда, котиб (дабир)-и арабизабони эронинажод. Дар оғози фаъолият дар шаҳрҳои гуногуни Ироқ ба таълими кӯдакон машғул шудааст. Баъдан дар девони халифаҳо Язид ибни Абдулмалик (ҳукмр. 720 – 724), Ҳишом ибни Абдулмалик (ҳукмр. 724 – 743) ва охирин халифаи умавӣ Марвон ибни Муҳаммад (ҳукмр. 744 – 750) хидмат кардааст. Дар замони Марвон А. К. сарвариии девони расоилро ба ӯҳда дошт ва яке аз муқаррабону мушовирони халифа гардид. А. К. шахси бомаърифат, донандаи таъриху адабиёт ва забони арабиву форсӣ буд. А. К. чун нависанда, поягузори навъи адабии тарассул дар насри арабӣ маъруф гардидааст. Расоили навиштаи ӯ шӯҳрати тамом доштанд ва аксар ашхоси ба ин касб машғулбуда ба ӯ пайравӣ мекарданд. Мувофиқи ахбори *Ибни Надим* маҷмӯи расоили тадвиншудаи А. К. беш аз ҳазор саҳифаро дар бар мегирифтааст. То замони мо миқдори ками расоили А. К. тавассути осори таърихиву адабӣ расидаанд. Расоили бозмонда аз А. К. дар мавзӯъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ навишта шудаанд. Яке аз рисолаҳо аз ҷониби халифа Марвон ба писараш (валиаҳдаш) иншо гардидааст. Номаи дигар – «Рисола илал-куттоб» дастурест ба котибон (дабирон) оид ба нозукиҳои ин касб ва таъкиди донишандӯзӣ дар соҳаҳои таърих, адабиёт ва диг. илмҳо. Ҳашт номаи дигар аз А. К. расидааст, ки дар мавзӯъҳои наҳйи шатранҷ, дар васфи бародарӣ, оид ба шикор, оид ба хонаводаи хеш, зикри фатҳ, дар таваллуди фарзанд, дар бурузи як фитна ва оид ба яке аз ёғиёни ҳукумат навишта шудаанд. Аз осори А. К. бармеояд, ки ӯ аз осори адабиёти тоисломии эронӣ вуқуфи комил доштааст ва аз он дар таълифи рисолаҳояш истифода бурдааст. Дар баъзе рисолаҳои ӯ таъсири андарзномаҳои адабиёти паҳлавӣ эҳсос мешавад. Ба воситаи эҷодиёти А. К. анъанаҳои адабиёти мардуми эронинажод ба насри араб гузаштаанд.

Ад.: И б н и Х а л л и к о н, Вафайот ал-аъйон ва анбоу абно-из-замон, ч-ҳои 1 – 8, Бейрут, 1968 – 1972; Ф и л ь ш т и н с к и й И. М., История арабской литературы, М., 1985. *Н. Зоҳидов.*

АБДУЛҲАМИ́ДИ МУҲМА́НД (1660 – 1732), шоири афғон (пуштузабон). Тахаллусаш Мӯшикоф. Дар анвои шеъри классикии форс-тоҷик – ғазал, рубоӣ, маснавӣ ва шакли шеърии мухаммас асар эҷод кардааст. Ақоиду андешаҳои ахлоқӣ ва тасаввуфиаш дар маҷмӯаи ашъораш – «Дурру Марҷон» ифода ёфтаанд. Азбаски дар шеър пайрави Мирзо Абдулқодири Бедил буд, бо номи «Бедили афғон» шӯҳрат дорад. Асарҳои шоири форсизабони Ҳинду Покистон Ғанимат – «Қиссаи Шоҳ ва Гадо», «Найранги ишқ»-ро ба забони пашту тарҷума кардааст.

АБДУЛҲАСА́НОВ Абдулраҳим Абдулҳамидович (тав. 28. 6. 1960, деҳаи Учқӯрғони ноҳ. Қадамҷои Қирғизистон), арбоби ришдори ҳуқуқи тоҷик, генерал-майори адлия (2008). Хатм кардаи фак-ти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (1983). Солҳои 1983 – 1986 муфаттиши прокура-



тураи нақлиётии Тоҷикистон, 1987 – 91 сармуфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳим дар назди Прокурори РСС Тоҷикистон, 1991 – 92 муовини прокурори ноҳ. Роҳи Оҳани ш. Душанбе, 1992 прокурори Раёсати тафтишотии прокуратураи вил. Ленинобод, 1993 – 96 сардори Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералии ҶТ, 1997 – 2003 муовини прокурори вил. Суғд, 2003 – 07 прокурори ш. Истаравшан. Солҳои 1993 – 96 роҳбарии тафтиши парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнини гурӯҳҳои мусаллаҳи муташаккили ҷиноятиро ба ӯҳда дошт. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ (янв. 2007) муовини директори ин мақомот мебошад. Барои хизматҳои арзишмандаш сазовори медали «Хизмати шоиста» гардидааст.

АБДУЛҶАББО́Р (с. тав. ва вафот номаълум), хаттоти эронӣ (а. 17). Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти А. то ҳол маълумоти кофӣ дастрас нашудааст. Намунаҳои хати ӯ дар китобхонаҳои Лондон, Париж (мас., «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, китобаташ с. 1624, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, китобаташ 1633/34) маҳфузанд.

АБДУЛҶАББО́Р ибни Ҳоҷӣ Алӣ Муншии Астарободӣ (с. тав. ва вафот номаълум), хаттот ва хушнависи форс-тоҷик (а. 16). А. устоди хати настаълиқ буда, дар дарбори Аҳмади Гелонӣ (ҳукмр. 1536 – 1567/68) хизмат кардааст. Солҳои 60 а. 16 дар Қазвин асир ва дар китобхонаи шоҳ Таҳмосб хаттот ва мусаввир будааст. Солҳои 70 а. 16 ба Гелон баргаштааст. Мутаассифона, то замони мо аз асарҳои китобаткардаи А. чизе нарасидааст.

АБДУЛҶАББО́РИ МЕЪМО́Р (с. тав. ва вафот номаълум), меъмор ва мусаввири тоҷик (а. 17). Аз осори меъмории А. М. то замони мо баъзе намунаҳо расидаанд. Тарҳи Мадрасаи Шердори Регистони Самарқанд амали ӯ буда, с-ҳои 1619 – 36 бо иштироки бевоситаи меъмор бунёд ёфтааст. Дар кошиҳои сафеди равоқи даруни пештоқ номи «Усто Мулло Абдулҷаббори меъмор» сабт гардидааст. Дар пештоқи бино сурати одаме, ки монанди офтоб нур мепошад ва манзараи ҳамлаи шер ба ғизол ва гурехтани он тасвир ёфтааст.

АБДУЛҶАББО́РИ УРГУТИ́Й САМАРҚАНДӢ (1831/32, Ургут – 1912, ҳамон ҷо), хаттот ва шоири тоҷик. Яке аз чаҳор нафар ихтироъкорони навъҳои хати настаълиқ. Услуби хаттотии се нафари аввал (Мавлавӣ Соқӣ Муҳаммад, Сиддиқхони Дарахтӣ, Сиддиқхони Иштихонӣ)-ро минбаъд чандин хушнависон пайравӣ ва аз худ кардаанд, вале тарзу услуби А.-ро ҳарчанд кӯшида бошанд ҳам, касе пайравӣ карда натавонистааст. Садри Зиё дар «Рисолаи хаттотон» чунин оварда: «Барои ёд гирифтани равиши китобати хати Абдулҷаббори Ургутӣ бисёр кӯшиш кардам, вале муяссар нашуд. Ҳол он ки равиши хати котибони дигарро бо андаке кӯшиш худи худашон барин менавиштам. Аз шариконам Абдурраҳим ном як шахсро ба хизмати Абдулҷаббор ба Ургут фиристодам. Бо чандин душвориҳо ба назди хаттот расида рафт. Дар он ҷо се моҳ шогирд истода ва ҳама машқ карда, аз ӯ таълими хат гирифт. Баъд се қалами бо қаламтароши худ тарошидаи Абдулҷабборро гирифта ба Бухоро баргашт. Ман ҳамин қаламро гирифта машқ кардам ва худи хати Абдулҷаббор барин менавиштагӣ шудам». А. матнро зебову хоно ва бехато менавишт. То ҳол касе аз матни китобаткардаи ӯ ғалате наёфтааст. Аз ин хушнависи номӣ беш аз 250 адад асари китобатшуда боқӣ мондааст. А. шеър ҳам эҷод кардааст, ки порчаи зайл тазмин ба мисраи Камоли Исфаҳонӣ «Дил барканам ман аз туву бардорам аз ту меҳр» мебошад:

Чун гирдбод оҳ зи хокам кашад алам,
Бар фарқи рӯзгор нишонад ғубори ғам.
Чун дил ба ҷои хеш бувад, к-аз ниҳеби дард,
З-ин ошёна торами ором карда рам…
Гирад ба ҳар ду даст сари худ аҷал зи бим,
Ҷое ки ғамзаи ту кашад ханҷари ситам…

С. Султонов.

АБДУЛҶАББО́РИ ХУҶАНДӢ́ (с. тав. номаълум – ваф. 1219, Хуҷанд), мунаҷҷим ва шоири тоҷик. Оид ба ҳаёташ маълумот нест. Аз А. Х. асари манзуми нуҷумии «Ал-мадхал-ул-манзум фи аҳком-ин-нуҷум» («Мадхали манзум дар аҳкоми нуҷум») то замони мо расидааст. Ин асар дар байни аҳли адаб маъруф буд ва ба он мунаҷҷимони асрҳои баъдина (аз ҷумла с. 1520 Ҳабибуллоҳ ибни Муҳаммади Табиб) шарҳ навиштаанд. 55 нусхаи хаттии ин китоб дар китобхонаи донишгоҳҳои Теҳрон ва Язд, Музейи Британия, Покистон, Миср ва ғ. маҳфузанд. Асари номбурда ҳоло тадқиқ нашудааст. *С. Асадуллоев.*

АБДУЛҶАМИ́Л (с. тав. номаълум – ваф. 1505, Ҳирот), хаттоти тоҷик (а. 14). Зодгоҳаш Ҳирот. Дар ҳамон ҷо ба камол расидааст. Дар навиштани хати настаълиқ хеле моҳир будааст. А. дар мадрасаи Султонияи Ҳирот аз сарфу нахви арабӣ дарс гирифтааст. Аз осори хаттотии ӯ «Хамса»-и Навоӣ (китобаташ с. 1484) то замони мо омада расидааст, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз мебошад.

АБДУМАМА́ДОВ Султонмаҳмуд (тав. 1934, деҳаи Роштқалъаи ноҳ. Роштқалъа), сароянда, Ҳофизи халқии РСС Тоҷ. (1986).



Солҳои 1956 – 62 солисти Ансамбли тарона ва рақси Помир, 1962 – 65 роҳбари бадеии хонаи маданияти ноҳ. Шуғнон, 1966 – 94 артисти Театри мазҳакаи мусиқии вилоятии ш. Хоруғ буд. Овози форам ва истеъдоди хуби сарояндагӣ ба А. имкон доданд, ки ба дараҷаи санъаткори касбӣ расад. Баробари суруду таронаҳои халқӣ аз ашъори шоирони классик ва муосири тоҷик як силсила сурудҳои марғуб сароидааст. «Дӯстон – базми висол аст», «Эй парӣ», «Соқиё бархез», «Саҳар булбул», «Таскин», «Майсавор», «Талқини ҳусн», «Гулчин аз фолклори Бадахшон», «Мафтуни чашмат» ва ғ. аз ҷумлаи беҳтарин сурудҳои иҷрокардаи А. мебошанд. Дар ҳайати Ансамбли тарона ва рақси Помир ба аксар ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сафари ҳунарӣ намуда, мусиқии миллии тоҷикро муаррифӣ кардааст. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. *Б. Раҳматов.*

АБДУМАННО́НОВ Абдураҳмон (тав. 6. 4. 1947, ноҳ. Бӯстонлиқи Ӯзбекистон), адабиётшинос, мунаққид ва тарҷумони тоҷик. Хатмкардаи УДТ (1968). Ходими илмии Ин-ти шарқшиносии АИ РСС Тоҷ. (1972 – 75), муҳаррири калони илмӣ ва мудири редаксияи таърихи Сарредаксияи илмии ЭСТ (1975 – 78), ходими илмӣ, муовини директори ИЗА (1979 – 91), муовини раиси ИН Тоҷикистон (1991 – 98), мудири шӯъбаҳои иттилоот (1998 – 2003) ва фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ (2004 – 05), муовини аввали раиси Комитети телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ (2005 – 10). Аз ноябри с. 2010 машғули кори эҷодӣ. Фаъолияти А. чун пажӯҳишгар аз омӯзиши эҷодиёти Маликушшуаро Баҳор ва масъалаҳои шеъри нави форсӣ оғоз ёфтааст. Баъдан ӯ ба тадқиқи унсурҳои реализм дар назми классикии форс-тоҷик, ташаккули реализм дар шеъри муосири


Абдуманнонов А.


Абдумуродов Ш.


Абдуназаров Х.


Абдураззоқов Ҳ.

тоҷик, тадқиқи ҷанбаҳои эстетикии шеър даст задааст. Оид ба эҷодиёти С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, А. Шукӯҳӣ, Ф. Ансорӣ, Лоиқ, Б. Собир, Гулрухсор, Гулназар ва диг. адибони муосири тоҷик, инчунин доир ба масъалаҳои тарҷумаи шеъри тоҷикӣ ба забони русӣ мақолаҳо нашр кардааст. Китобҳои «Абулқосим Лоҳутӣ» (Д., 1987, ҳамроҳи Х. Отахонова ва Ҳ. Шодиқулов), «Нуқтаи назар» (Д., 1990, маҷм. мақолаҳо), «Пиндорҳо ва ангорҳо» (Д., 1990, маҷм. мақолаҳо, очеркҳо, шеърҳо ва тарҷумаҳо) аз таълифоти А. мебошанд. Дар таълифи китоби «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» (ҷ. 1, Д., 1984) иштирок кардааст. Баъзе ҳикояҳои А. П. Чехов, асарҳои С. Баруздин «Такрори дарсҳои гузашта» (1984), О. Ёқубов «Вичдон» (1984), Элчин «Ишқи аввали Балададаш» (1986), Б. Василев «Субҳи ин ҷо сокит аст» (1988), ҳикояҳои Ю. Збанатский «Хорпушти олиҳиммат» (1988), намоишномаи М. Беҳбудӣ «Падаркуш»-ро ба тоҷикӣ тарҷума намудааст. Корманди шоистаи Тоҷикистон (1994). Бо орденҳои Шараф (дараҷаи 1; 2003) ва Дӯстӣ (2005) мукофотонида шудааст. Дорандаи мукофоти ба номи Мирзо Турсунзода (2007). Аз с. 1984 узви ИН Тоҷикистон.

АБДУМУРО́ДОВ ШАМА́Р (тав. 1928, деҳаи Оқмачити ноҳ. Узуни вил. Сурхондарёи Ӯзбекистон), чӯпон, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1973). Солҳои 1945 – 54 аввал чӯпон ва минбаъд сарчӯпони з-ди зотпарварии давлатии «Қубодиён»-и ноҳ. Шаҳритуз (1954 – 89) буд. Аз с. 1990 нафақагири шахсӣ. А. ба комёбиҳои баланди меҳнатӣ ноил шудааст. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 9). Бо ду ордени Ленин, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУНАЗА́РОВ Хушбахт (7. 4. 1946, ноҳ. Темурмалик), доктори илми таърих (2009). Хатмкардаи Техникуми тарбияи ҷисмонии ш. Душанбе (1966) ва фак-ти таърихи УДТ (1973, ғоибона). Дар мактаби зодгоҳаш аввал муаллим ва баъд директор буд. Раиси Ҷамоати деҳоти Қушқияи ноҳ. Совет (1993 – 08), омӯзгор, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ, декани фак-ти таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Аз с. 2008 мудири кафедраи таърихи умумии ҳамин донишгоҳ. Доир ба таърихи даврони шӯравии Тоҷикистон беш аз 50 асари илмӣ, илмию оммавӣ, дастурҳои таълимию методӣ таълиф намудааст.

Ос: Деятельность Компартии Таджикистана по атеистическому воспитанию трудящихся (1971 – 1980 гг.), Д., 1986; Становление и развитие общественного животноводства в Таджикистане (1924 – 1991 гг.), Д., 2009.

АБДУННАБӢ Фахруззамонии Қазвинӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва адиби эронӣ (ох. а. 16 – ибт. а. 17). Дар зодгоҳаш – Қазвин илмҳои мутадовилаи замонашро омӯхт ва ба шеъру шоирӣ дар синни камолот майлу рағбат пайдо намуд. Дар 19-солагӣ ба Машҳад омад ва аз он ҷо ба Ҳиндустон рафт. Ба ш-ҳои Лоҳур, Кашмир сафар кардааст. Соли 1619 дар ш. Патна ба дарбори Сардорхон Хоҷа Ёдгор роҳ ёфт. Аз А. то замони мо осори манзуму мансур боқӣ мондааст. Дар навъҳои адабии шеъри адабиёти форс-тоҷик – рубоӣ, ғазал, қасида ва ғ. бо тахаллусҳои «Иззатӣ» ва «Набӣ» шеърҳо эҷод кардааст. Яке аз муҳимтарин асарҳои А. тазкираи «Майхона» мебошад. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо А. ҳофизаи хубе дошта, қиссаву ривоятҳои бисёри халқиро медонистааст. Ин қиссаву ривоётро ӯ дар китобе бо номи «Наводир-ул-ҳикоёт» (номи дигараш «Баҳр-ун-наводир»; таълифаш 1632) ҷамъ овардааст. Ба қалами ӯ асарҳои мансур бо номи «Дастур-ул-фусаҳо», «Тироз-ул-ахбор» низ тааллуқ доранд.

АБДУРАЗЗО́Қ ибни Шиҳобуддини Фазлуллоҳ (Хоҷа Ҷалолуддин)-и Бештинӣ, аввалин амири сарбадорони Хуросон (1337 – 1339). Лақаби «Аминуддавла» доштааст. Дар дарбори хони муғул Абусаидхон шуғли девонӣ дошт. А. шахси нерӯманду ҷанговар буд. Хони муғул Абусаидхон қабл аз маргаш барои ҷамъ кардани амвол аз вил. Кирмон А.-ро ба унвони намоянда фиристод, лек А. хироҷи ҷамъкардаро барои худ харҷ кард ва ба зодгоҳаш Бештин баргашт. Марги Абусаидхон ӯро аз ҷазо халос кард. Пас аз ин А. вазъияти мардуми шӯридаро фаҳмида, бар он сарварӣ кард ва ин шӯриш номи «қиёми сарбадория» ё тоифаи «Сарбадорон»-ро гирифт. Шӯриши «Сарбадорон» бо сардории А. хеле низом пайдо карда, овозаи он саро-сари Хуросон паҳн шуд. А. с. 1337 Сабзаворро тасарруф карда, ба маркази давлати нави худ табдил дод. Дар кӯтоҳтарин муддат Родкон, Ҷувайн, Исфароин, Ҷоҷарм ва ш-ҳои атрофро яке паси дигаре гирифт. Тақрибан дуюним сол дар сари қудрат қарор дошт ва ниҳоят аз тарафи бародараш Ваҷеҳуддини Масъуд кушта шуд. Сабаби қатли ӯро муаррихон натиҷаи ифрот ва фасод донистаанд.

Ад.: Петрушевский И. П., Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII – XIV вв. М. – Л.; 1960; Петрушевский И. П., Наҳзати Сарбадорони Хуросон. Тарҷумаи Карими Кишоварз, Т., 1351. *Л. Бойматов.*

АБДУРАЗЗО́ҚОВ Ҳабибулло (тав. 7. 11. 1937, ш. Кӯлоб), актёр ва режиссёр. Артисти халқии РСС Тоҷ. (1987). Хатмкардаи фак-ти актёрии Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи Москва (1960) ва курси олии режиссёрии Академияи санъати ш. Москва (1964). Актёри Театри ҷумҳуриявии мазҳакаи мусиқии ба номи А. С. Пушкини ш. Ленинобод (ҳоз. Театри ба номи Камоли Хуҷандӣ; 1960 – 61), актёр ва режиссёри Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ (1961 – 69), саррежиссёри Театри ҷумҳуриявии мазҳакаи мусиқии ба номи А. С. Пушкин (1969 – 71) ва Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов (1971 – 73), актёр ва режиссёри киностудияи «Тоҷикфилм» (1973 – 75), актёри Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ (1975 – 2002). Аз с. 2002 директор ва роҳбари бадеии Театри «Падида». Солҳои 1987 – 90 раиси Иттифоқи арбобони театри Тоҷикистон буд. А. яке аз беҳтарин бозандагони ролҳои классикӣ ва дорои хусусиятҳои миллӣ дар театру кино мебошад. Ролҳои беҳтарини А. дар саҳнаи театрҳо: Любим Торсов («Камбағалӣ айб нест»-и А. Н. Островский, 1960), Ёдгор («Дохунда»-и Ҷ. Икромӣ, 1961), Файзуллоҷон («Иродаи зан»-и

А. Сидқӣ, 1962), Меркутсио, Отелло («Ромео ва Ҷулетта», «Оттело»-и У. Шекспир, 1963), шоир Хуршед («Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло, 1964), Камоли Хуҷандӣ (пйесаи ҳамноми Р. Ҷалил, 1970), Улдис («Заврақи ишқ»-и Я. Райнис), Афросиёб («Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғ. Абдулло, 1966), Низомиддин («Дилҳои сӯзон»-и Ҷ. Икромӣ, 1977), Карл Моор («Роҳзанҳо»-и Ф. Шиллер, 1979) ва ғ. А. дар инкишофи кинои тоҷик низ хизмати арзанда дорад. Истеъдоди ӯ дар ролҳои Шодмон («Оромӣ намешавад», 1962), Баҳриддин («Марги судхӯр», 1965), Асад Махсум («Хиёнат», 1967), Ҳайдар («Чор нафар аз Чорсанг», 1973), Мухторов («Стансияи кӯҳӣ», 1974), Баҳром («Достони Сиёвуш», 1975), Асаншо («Субҳи Ганг», 1975), Ҳамроев («Ҳафт нафар дар пайроҳа», 1977), Корвонбошӣ («Дарвеши ланг», 1986), Неъматуллохон (силсилафилми телевизионии «Дар орзуи падар», 2005), генерали эронӣ («Асир», Германия, 2006), Ҳисоми тоҷик (силсилафилми телевизионии эронии «Дар чашми бод», 2007), сардори роҳзанҳо (силсилафилми телевизионии эронии «Шукрона», 2008) ва ғ. возеҳан ҳувайдо шудаанд. Таҳияҳои режиссёрии А. обуранги миллӣ доранд: «Худорахматӣ»-и Б. Нушич (1966), «Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғ. Абдулло (1967), «Кӯпрук»-и Ф. Ниёзӣ (1969), «Карим Девона»-и Т. Аҳмадхонов (1969), «Садо аз тобут»-и А. Қаххор (1975), «Вақте , ки шаҳр хуфта буд»-и А. Чхеидзе (1980), «Вопасин арӯси Амир-ал-мӯъминин»-и Ф. Муҳаммадиев (1983), «Дар чорсӯ» ва «Тарс»-и Н. Табаров (1984, 1995) ва ғ. А. дар тарбияи актёрон ва кормандони эҷодии соҳаи театр саҳми калон гузоштааст. Бо орденҳои Дӯстии халқҳо (1980), Дӯстӣ (1998, медали Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ ва Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИК Тоҷикистон (аз 1971).

Ад.: Марде дар шаҳре, шаҳре дар марде, Д., 2007. *Н. Шарипов.*

АБДУРАСУЛӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Рачаб Исмоилови тобеи ш. Ваҳдат. Аз А. то шаҳри Ваҳдат 10 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 1155 наф. (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва зироаткорӣ. Заминҳо асосан аз дарёи Кофарниҳон обёрӣ карда мешаванд.

АБДУРАҲИМБИЙ (1700, Хуҷанд – 1733, ҳамон ҷо), Абдураҳимхон, фарзанди Шоҳрухбийи Атолиқ, хони Хӯқанд. Солҳои ҳукуматаш 1721 – 33, аз сулолаи ӯзбакзабони мингҳо. Соли 1725 аз вазъи нобасомонии хонигарии Бухоро истифода бурда, бо сипоҳи 20 ҳазорнафараи худ Хуҷанд (1725), Ӯротеппа (1726) ва сипас Самарқандро (1732) тасарруф намуд. А. духтари ҳокими Шаҳрисабз Олимбекро, ки Ойчучук-ойим ном дошт, ба никоҳи худ даровард. А. бо кӯмак ва тарафдории ашрофи Шарҳрисабз ба муддати шаш моҳ дар Самарқанд иқомат ихтиёр кард ва сипас бо сипоҳаш ба Фарғона баргашт ва дар Хӯқанд қарор гирифт. Ӯро бархе аз муаррихин ба унвони поягузори ш. Хӯқанд донистаанд. А. дар ободии ш. Хӯқанд иқдомотеро низ анҷом додааст. Чунончи, дар аҳди ӯ қалъае бино шудааст, ки ҳам акнун дар миёни мардум ба номи «Қӯрғони кӯҳна» маъруф аст. А. с. 1733 дар натиҷаи сӯиқасд дар Хуҷанд ба қатл расид. Баъд аз қатли ӯ тахти *хонии Хӯқанд* насиби бародараш Абдулкаримбийи Минг шуд.

Ад.: Бобобеков Ҳ. Н., Қӯқон тарихи, Тошкент, 1966; История Ленинабада, Д., 1986.
Л. Бойматов

АБДУРАҲӢМОВ Зубайдулло Зиёдуллоевич (тав. 29. 1. 1958, ноҳ. Варзоб), духтури кардиолог, доктори илмҳои тиб (2000), проф. (2002). Хатмкардаи фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (1981). Ординатор (1981 – 83) ва аспиранти Ин-ти ҷарроҳии дилу рагҳои ба номи А. Н. Бакулеви АИТ СССР дар Москва (1983 – 86), духтури шӯъбаи ҷарроҳии дилу рагҳои Беморхонаи клиникии № 5 Душанбе (1986 – 90), ассистент (1990 – 94) ва дотсент (1994 – 2002)-и кафедраи ҷарроҳии госпиталии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. Аз с. 2002 проф. кафедраи бемориҳои ҷарроҳиталаби № 2-и ҳамин донишгоҳ ва шӯъбаи ҷарроҳии дили Маркази илмии ҷумҳуриявии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина. Оид ба мавзӯи гардиши сунъии хун дар шароити гипотермияи амиқ ва ҷараёни коҳишёфтаи хун ҳангоми ҷарроҳии кушодаи дил дар кӯдакони то яксола, ҳамчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои табобати амрози фасодии шуш бо роҳи ислоҳи фаъолияти мубодилаи ғайригазии шуш пажӯҳиш анҷом додааст. Муаллифи 120 асарҳои илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 4 дастури таълимию методӣ, 9 таклифи навоварона,


Абдураҳимов З.


Абдураҳимов Қ.

2 ихтироъ. Таҳти роҳбарии ӯ 2 нафар рисолаи номзадии илмро дифоъ кардаанд. Бо медали НКХХ СССР сарфароз гаштааст.

Ос.: Современные аспекты комплексного лечения острых легочных нагноительных заболеваний, Д., 2002; Новые аспекты диагностики и комплексного лечения нагноившегося эхинококкоза легких, Д., 2006; Новые аспекты диагностики и лечения хронических перикардитов, Д., 2007; Митральный стеноз, Д., 2007.

АБДУРАҲӢМОВ Қудратулло Саидович (тав. 10. 8. 1958, ноҳ. Бохтар), педагог, доктори илмҳои педагогӣ (2007). Хатмкардаи филиали Ин-ти давлатии педагогии Душанбе дар ш. Қӯрғонтеппа (1985). Солҳои 1985 – 2000 муаллим, муаллими калон, мудири кафедраи педагогика ва психология, декани фак-ти педагогика, ноиби ректор оид ба таълиму тарбияи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2000 – 05 вакили мардумӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ буд. Аз с. 2006 ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа оид ба илм. А. ба таҳқиқи масъалаҳои мухталифи педагогика машғул аст. Хусусан тадқиқоти илмиаш перомуни афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст.

Ос.: Ақидаҳои ахлоқӣ дар осори Шоҳи Ҳамадон. Қӯрғонтеппа, 1996; Системаҳои маориф дар мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯбатараққиниҳода, Д., 1998; Боргоҳи маърифат дар Вахшонзамин, Д., 1998; Афкори педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Д., 2003; Дар шоҳроҳи зиндагӣ, Д., 2004; Таълимоти ахлоқии Носири Хусрав, Д., 2007; Тавсияи методӣ оид ба таҷрибаи педагогӣ, Д., 2009; Шоҳи Ҳамадон-ҳидоятгари саодати инсон, Д., 2009.

АБДУРАҲӢМОВ Салом (7. 6. 1937, Ӯротеппа – 7. 8. 2006, Душанбе), забоншинос, номзади илмҳои филология (1968), дотсент (1990). Хатмкардаи УДТ (1958). Корманди Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ (1958 – 90), дотсенти кафедраи хат ва матни форсии тоҷикии ДМТ (1990 – 2004). Муаллифи зиёда аз 60 асару мақолаҳои илмӣ. А. яке аз муаллифони «Грамматикаи забони адабии тоҷик» (Синтаксис, ҷ. 2, китоби дарсӣ барои фак-тҳои филологии мактабҳои

олӣ, Д., 1984) мебошад. Дар навиштани китоби сеҷилдаи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» иштирок кардааст, 9 боби он ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Бо Грамотаи Фахрии Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Дорандаи мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

Ос.: Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик, Д., 1973; Ибораҳои ҷонишинӣ, Д., 1979.


Ш. Кабиров.

АБДУРАҲИ́МОВ Хайриддин Саидович (тав. 1956, ноҳ. Вахш), арбоби низомӣ, генерал-полковник (2008). Хатмкардаи фак-ти забонҳои хориҷии Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1981). Аз с. 1982 дар мақомоти амнияти СССР ва Тоҷикистон. Дар вазифаҳои ваколатдор, ваколатдори калон, сардори шӯъба, муовини сардори раёсат, сардори раёсати амнияти Вазорати амнияти Тоҷикистон дар вилояти Хатлон кор кардааст. Солҳои 1999 – 2006 вазири амнияти ҶТ, 2006 – 10 раиси Комитети давлатии амнияти миллии ҶТ буд. Аз сент. 2010 дар истеъфо. Бо ордени Спитамен мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲИ́МОВА Қумрихон (тав. 1927, ш. Чимканти Қазоқистон), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Колхозчӣ, сардори звено (1943 – 54) ва коргари к-зи «Ленинград»-и ноҳ. Ленин (1955 – 83). Аз с. 1983 нафақагири шахсӣ. Звенои А. ба гирифтани ҳосили баланди пахта (1997) муваффақ шудааст. Бо орденҳои Ленин, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.



АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ, ноҳия дар вил. Хатлон. 29 авг. 1930 ташкил ёфтааст. Масоҳ. 682 км^2. Аҳолиаш 135,4 ҳаз. нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо ва ғ. Зичии аҳолӣ дар 1 км^2 101 нафар. Аз маркази ноҳия то маркази вил. Хатлон ш. Қӯрғонтеппа 36 км, то ш. Душанбе 86 км, то наздиктарин истгоҳи р. о. – Вахш 12 км. Ноҳия 7 Ҷамоати деҳот (Арал, «Иттифоқ», «Ифтихор», «Дӯстӣ», ба номи М. И. Калинин, «50-солагии Тоҷикистон», Яккатут) ва як Ҷамоати шаҳраки Куйбишев (маркази ноҳия) дорад. Номҳои пештарааш Арал, Куйбишев, Хоҷамастон. Бо қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12. 02. 2004 А. Ҷ. ном гирифт. Ҳудуди ноҳия асосан дар водии Вахш, қисми шимолии он дар водии Ёвон воқеъ аст. Онро кӯҳҳои на чандон баланд (то 2000 м) иҳота кардаанд: аз Ғ. қ-кӯҳи Оқтоғ, аз Шим кӯҳи Рангон ва аз Ш. кӯҳи Қаротоғ. Қисми марказии ноҳия ҳамвор, аз с. б. 400 – 500 м баланд. Сарватҳои зеризаминиаш: намаки ош, гаҷ ва ғ. Аз ҳудуди ноҳия д. Вахш мегузарад. Иқлими ноҳия континентӣ, субтропикии хушк. Тобистонаш гарм; ҳарор. миёнаи июл 35 – 40^{0}С, ҳарор.



баландтаринаш 43^{0}С. Зимистонаш нарм; ҳарор. миёнаи янв. 9^{0}С. Боришоти солона ба ҳисоби миёна 271 мм. Давраи нашв (беш аз 5^0) 300 рӯз. Хоки ҳудуди ноҳия асосан хокистарранг. Дар даштҳо янтоқ, шӯра, ҷорӯбак, явшон, дар кӯҳҳо камол, торон, ревоҷ, савсани кӯҳӣ, кинг, юған, пиёзи кӯҳӣ, шибоғ, латтахор ва ғ.; аз дарахтон писта, дӯлона, бодоми кӯҳӣ ва ғ. мерӯянд. Аз ҳайвоноти ваҳшӣ гург, рӯбоҳ, шағол, ҷайра, аз хазандагон сангпушт, чанд намуди мор, аз парандагон кабк, бедона, мусича, гунҷишк, майна ва ғ. вомехӯранд. Ноҳия дорои хоҷагии қишлоқи мутараққист. Соҳаи асосии он – пахтакорӣ, махсусан навъҳои маҳиннах. Инчунин чорводорӣ, ғаллакорӣ, боғу токдорӣ, лимӯпарварӣ, кишти зироатҳои хӯроки чорво ва кирмакпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Ноҳия 927 ташкилот ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дорад. Соли 2010 ба пахтакорӣ 850 хоҷагӣ ба чорводорӣ 25 хоҷагии омехта, ба ниҳолпарварӣ як хоҷагӣ ва ба боғдорӣ 5 хоҷагӣ машғул буданд. Майдони умумии заминҳои хоҷагии қишлоқ 59649 га (2009), аз ҷумла заминҳои кишт 16794 га, заминҳои обёришаванда 14580 га, заминҳои лалмӣ 2214 га. Дар ҳудуди ноҳия Ассотсиатсияи истифодабарандагони об, 9 корхонаи хурд, 3 корхонаи нақлиётӣ, корхонаи коммуналӣ, шӯъбаи фарҳанг, 2 идораи алоқа, 10 корхонаи ёрирасон, 6 ташкилоти саноатӣ, 4 ташкилоти сохтмонӣ, корхонаи нонпазӣ, хонаи хизмати маишӣ, хоҷагии моҳипарварӣ, идораи пиллахушккунӣ фаъолият доранд. Соли хониши 2009 – 2010 дар ноҳия 41 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 12 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 8



Бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ.

мактаби ибтидоӣ, як литсей-интернат буд, ки дар онҳо 300576 нафар хонандагон таҳсил мекарданд. Дар ноҳия Омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ, филиали Омӯзишгоҳи тиббии ш. Қӯрғонтеппа, мактаби санъати бачагона мавҷуд аст. Ноҳия 10 китобхона, кохи фарҳанг, хонаи фарҳангии типи шаҳрӣ, 3 хонаи фарҳанги деҳотӣ, 2 дастаиҳунарӣ:«Ғунча»ва«Шабчароғ» дорад. Дар беморхонаи марказӣ, дармонгоҳи ноҳиявӣ, 45 бунгоҳи тиббӣ, 5 беморхонаи минтақавӣ, Маркази мубориза зидди бемориҳои сил, шӯъбаи бемориҳои пӯст, гӯшу гулӯ ва бинӣ, Маркази беҳдошти саломатӣ, шӯъбаи бемориҳои сироятӣ 82 нафар духтурони маълумоти олидор, 441 нафар кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ кор мекунанд. Аз ҳудуди ноҳия р. о.-и Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвон мегузарад. Газетаи ноҳиявӣ – «Баҳористон». *Ш. Тошева.*

АБДУРАҲМО́НИ ҶОМӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Тӯғалони ноҳ. Ҷалолиддини Румии вил. Хатлон. Аз деҳа то маркази ноҳия 5 км, то маркази вилоят 30 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2728 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази саломатӣ, китобхона, 2 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: растанипарварӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Кофирқалъа обёрӣ мешаванд.

АБДУРАҲМО́НИ ҶОМӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Заргари ноҳ. Бохтари вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 25 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 4102 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа дорои гимназия, 3 дорухона, дармонгоҳ, беморхона, китобхона, кохи фарҳанг, нуқтаҳои хизмати маишӣ, боғчаи кӯдакон, ошхона, нуқтаҳои савдои хусусӣ мебошад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АБДУРАҲМО́НОВ АСКА́Р (тав. 15. 3. 1937, деҳаи Шидзи ноҳ. Рӯшон), санъатшинос, проф. (1993), Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон (1991). Хатмкардаи Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи ш. Москва (1960). Муддате дар театри мусиқию мазҳакавии вилоятии ш. Хуҷанд ва Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ чун актёр фаъолият намудааст. Солҳои 1962 – 65 аспиранти Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи ш. Москва, 1965 – 71 муҳаррири ҳайати таҳририя ва барномасозии Вазорати маданияти Тоҷикистон, 1971 – 2004 муаллими калон, дотсент, декани фак-ти санъат, мудири кафедраи маҳорати актёрӣ, 2004 – 05 ноиби ректор оид ба таълими ДДСТ ба номи М. Турсунзода буд. Доир ба масъалаҳои театри тоҷик, роҳҳои баланд бардоштани маҳорати актёрӣ, ҳаёту фаъолияти як зумра санъаткорони варзидаи ҷумҳурӣ беш аз сад асару мақола навиштааст. Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Собиқадори меҳнат» ва ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.



Абдураҳмонов А.



Абдураҳмонов М.

Ос.: Путь к сцене. Д., 1966; Гурминдж Завқибеков, Вильнюс, 1978; Рустами саҳнаи тоҷик, Д., 1990; Паҳлавони се майдон, Д., 2005; Ифтихори саҳнаи тоҷик, Д., 2008.

АБДУРАҲМО́НОВ Гурез (1915, Ёвон – 2. 2. 1974. собиқ ноҳ. Куйбишеви вил. Хатлон), сароянда и тоҷик, Коркуни хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷ. (1971). Иштирокчии ҶБВ (1941 – 45). Санъати сарояндагиро худомӯзӣ карда, сипас яке аз пайравони услуби Ҷӯраев Шариф гардидааст. Дар тӯли фаъолияти эҷодиаш узви бисёр дастаҳои ҳаваскорони санъат ва роҳбари клубу хонаҳои маданияти нохҳои Ёвону Куйбишев (ҳоло Абдураҳмони Ҷомӣ) буд. А. сарояндаи ҳасос ва нозуктабъ буда, ҳар як сурудро бо услуби хос ва самимияти том ичро мекард. Сурудҳои ӯ бештар таронаҳои ишқиро дар бар гирифта, меҳри Ватан ва диёри маҳбуб, меҳнату мардонагӣ, ишқу ҷавонӣ ва ғ-ро васф мекунанд. Сурудҳои «Гулиҷони ҷон», «Зи ноз бошад» (шеъри халқӣ), «Оҳиста мегӯем мо» (шеъри Мушфиқӣ), «Ҳанӯз» (шеъри Сайидо), «Водии Вахш», «Саҳарноз» (шеърҳои халқӣ) ва ғ. аз беҳтарин офаридаҳои ӯ буда, дар Фонди мусиқии радиои Тоҷикистон маҳфузанд. А. иштирокчии Фестивали 6-уми умумиҷаҳонии донишҷӯён ва ҷавонон (Москва, 1957) буд. Бо 2 ордени «Шараф», медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУРАҲМО́НОВ Муин Камолович (тав. 30. 11. 1933, Бухоро), акушер-гинеколог, доктори илмҳои



Абдураҳмонов Неъматҷон.



Абдураҳмонов Нозимҷон.

тиб (1971), проф. (1990), Аълочии тандурустии СССР. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи тиббии ш. Сталинобод (1951) ва фак-ти тибби ҳарбии Донишкадаи давлатии тиббии ш. Куйбишеви Федератсияи Россия (1957). Духтури ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Демократии Германия (1958 – 59). Аспиранти Ин-ти тибби кишвари АИ РСС Тоҷ. (1959 – 62), духтури Таваллудхонаи ҷумҳуриявӣ (1962 – 67), ассистенти кафедраи муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1967 – 76), саракушер-гинекологи ш. Душанбе (1976 – 80), ассистент (1980 – 86), дотсент (1986 – 90), проф. (1990 – 98) ва мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи фак-ти педиатрии ДДТТ (1998 – 2005). Аз с. 2005 проф.– мушовири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи №2-и ҳамин донишгоҳ. Тадқиқоти А. ба таъсири омилҳои антропогении муҳит ба фаъолияти насловарӣ равона шудаанд. Аввалин шуда дар шароити клиникӣ таъсири бемориоварии хлор ва пестисидҳои фосфорорганикиро дар ташаккул ва инкишофи системаи «модар – ҳамроҳак – ҷанин» муайян намуд. Муаллифи 95 мақола, 6 дастури методӣ, 7 пешниҳоди навоварона. Зери роҳбарии ӯ 2 нафар рисолаи докторӣ ва 6 нафар рисолаҳои номзади илмро дифоъ намудаанд. Бо ордени Дӯстӣ ва медали «Собиқадори меҳнат» сарфароз шудааст.

Ос.: Нейроэндокринные нарушения у девушек при воздействии неблагоприятных факторов окружающей среды. Дар маҷ. «Российский вестник акушер-гинеколога», т. 2, №6, М., 2002; Эпидемиологические аспекты и факторы риска развития воспалительных заболеваний придатков матки. Изв. АН РТ, №3 (156), Д., 2006; Некоторые особенности гестационного процесса при ожирении. Дар маҷ. «Вестник Авиценны», Д., 2008.

АБДУРАҲМО́НОВ Неъматҷон (1905, Конибодом – 1985, Душанбе), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1957). Фаъолияти меҳнатиашро аз коргари корхонаи консерви Конибодом ва кони нефти САНТО (1924 – 31) оғоз намуда, дар Мактаби Ҳизби коммунистии Комитети Марказии ВКП (б) (ш. Москва) таҳсил кард (1931 – 33). Минбаъд мудири шӯъбаи коми-


Абдураҳмонов П.


Абдураҳмонов Р.

тети Ҳизби коммунисти ноҳ. Кангурт, котиби якуми Комитетҳои Ҳизби коммунистии ноҳияҳои Шӯрообод, Орҷоникидзеобод, Регар, Ҳисор мудири шӯъбаи маҳсулоттайёркунии Вазорати кишоварзии Тоҷикистон буд. Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУРАҲМО́НОВ Нозимҷон (1904, Конибодом – 1994, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948), Устоди пахтаи Тоҷикистон (1959). Коргари артели ҳунармандии «Болшевик» (1928 – 29) ва Комбинати консервабарории ш. Конибодом (1930 – 31), сардори бригадаи пахтакории к-зи «Ленинград»-и ноҳ. Конибодом (1932 – 68). Аз с. 1965 нафақагир. Бригадааш солиёни зиёд ҳосили баланди пахта рӯёнидааст. Бо орденҳои Ленин, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУРАҲМО́НОВ Пӯлод (1927, деҳаи Субулоқи ноҳ. Файзобод – 2002, ҳамон ҷо), картошкапарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1971). Колхозчӣ (1944 – 46), сардори бригадаи картошкакорони к-зи «50-солагии Октябр» ва с-зи «Қалъаи Дашт-2» (1947–84), хоҷагии «Ҳамза»-и ноҳ. Файзобод (1985 – 90). Аз с. 1990 нафақагири шахсӣ. Бригадааш ҳосили фаровони картошка (аз ҳар га то 400 сентнерӣ) гирифтааст. А. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 8, 9) буд. Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурхи Меҳнат, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АБДУРАҲМО́НОВ Раҳматулло Бозорович (тав. 10. 07. 1948, деҳаи Муллошодии ноҳ. Ҳисор), наққоши тоҷик, Арбоби ҳунари Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии Душанбе (1974) ва фак-ти таърихи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ғоибона, 1984). Муаллими Омӯзишгоҳи ҷумҳурияви рассомии ба номи М. Олимов (1974 – 80), наққоши Фонди бадеии меъмории Тоҷикистон (1980 – 2010). Аз с. 2011 рассом – наққоши ширкати «Рухом». А. шогирди Рассоми халқии Тоҷикистон М. Олимов буда, дар эҳё ва инкишофи услуби қадимтарин ва мураккаби наққошии миллии тоҷик кундал саҳми калон гузоштааст. Ӯ ба тавассути услуби кундал кору заҳмат, бойгариҳои Тоҷикистон (пахта, гандум ва ғ.), ҳолатҳои табиат фаслҳои сол ва ғ-ро тасвир намудааст. Намояҳои кундалии ӯ бо нақшу нигорҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ӯ нозукиҳои усули кундалро ба назар гирифта, таносуби рангҳоро ба хубӣ риоя карда, асарҳои ҷолиб офаридааст. «Меҳроб» (1974), «Баҳор» (1976), «Ғунча» (1977), «Бӯстон» (1978), «Рақси гулҳо», «Бойгарӣ», «Ситора», «Сулҳ» (ҳар чаҳор 1984), «Баҳор» (2010, бахшида ба ҷашни Ҷалолуддини Румӣ), «Гулдаста» (2011), «Бӯстон» ва «Гулистон» (2011, илҳом аз асарҳои Саъдии Шерозӣ, бахшида ба ҷашни 20- солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ) беҳтарин асарҳои дар усули кундал эҷодкардаи А. мебошанд. А. тарабхонаи «Тоҷикистон» дар ш. Владимири Федератсияи Россия (1978), меҳмонхонаи «Тоҷикистон» (1980) ва чойхона – тарабхонаи «Фароғат» (1981) дар ш. Душанбе, чойхонаи «Тоҷикистон» дар ш. Кобул (1981), хонаҳои фарҳанги ноҳ-ҳои Вахш (1985), Панҷ (1986), Колхозобод (1987) ва ғ-ро бо нақшҳои зебои миллӣ оро додааст. Асарҳои А. дар рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқи Советӣ, Туркия, Франсия, Германия, Чехословакия, Америка ба маърази намоиш гузошта шудаанд. Узви ИР СССР (1980) ва ИР Тоҷикистон (1997).

Н. Шарипов

АБДУРАҲМО́НОВ Урун Қурбонович (1904 – 1980), яке аз аввалин муҳандисони бинокори тоҷик, узви аввалин садорати ИМ-и шӯравии Тоҷикистон (1936), Бинокори хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1959). А. роҳбари идораи лоиҳакашии «Тоҷикгоспроект» (аз янв. 1938), ҷонишини раиси Госстройи РСС Тоҷ. буд. Соли 1959 раиси садорати ИМ-и шӯравии Тоҷикистон ва с. 1961 узви садорати ИМ СССР интихоб шуд. Бо сарварии А. бисёр лоиҳаҳои биноҳои манзилию маъмурии ш. Душанбе ва Тоҷикистон таҳия шудаанд. Ӯ дар рушди меъморӣ


Абдураҳмонов Фаррух.


Абдураҳмонов Фозил.

ва бинокорӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст.

Р. Муқимов.

АБДУРАҲМО́НОВ Фаррух Муинович (тав. 8. 3. 1962, Душанбе), акушер-гинеколог, доктори илмҳои тиб (1997), проф. (2000). Хатмкардаи Инти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (1984). Ординатори клиникӣ (1984 – 86), аспирант (1986 – 89), ассистенти кафедраи акушерӣ ва гинекологияи ҳамин донишгоҳ (1989 – 91), ассистент (1991 – 2002) ва мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Тоҷикистон (2002 – 08). Алҳол дар вазифаи мудири шӯъбаи акушерии Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекология ва перинатологияи Тоҷикистон ифои вазифа дорад (аз с. 2005). Доир ба масъалаҳои таъсири экология ба фаъолияти насловарӣ, тариқи зоимон бо аломатҳои хавфнок, муолиҷаи нуқсонҳои роҳи пешобу аъзои ҷинсии занҳо ва инкишофи ҷисмонии духтарон ҳангоми камхунӣ тадқиқот анҷом додааст. Дар мавзӯи «Хусусиятҳои ҷараёни ҳамл, таваллуд ва иллатҳои баъдизоимонӣ дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ номусоид» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Муаллифи зиёда аз 100 асари илмист. Таҳти роҳбарии ӯ 20 нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд.

АБДУРАҲМО́НОВ Фозил (тав. 5. 12. 1930, Конибодом), морфолог, доктори илмҳои тиб (1968), проф. (1969), узви ҳақиқии Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия (2004), Аълочии мактаби олӣ ва Аълочии тандурустии СССР, Ходими шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (1952). Баъди ба итмом расондани аспирантураи Донишкадаи тиббии 2-юми Москва дар вазифаҳои директори Омӯзишгоҳи тиббии Душанбе (1957 – 62), декани фак-тҳои педиатрӣ (1963 – 68) ва стоматология (1968 – 69), мудири кафедраи анатомияи эътидолии одам (1968 – 94) ва

мудири кафедраи муттаҳидаи анатомияи одами ДДТТ (1994 – 2006) кор кардааст. Аз с. 2006 проф. кафедраи муттаҳидаи анатомияи одами ҳамин донишгоҳ. Доир ба масъалаҳои таъминоти хун дар қисматҳои чудогонаи мағзи сар, ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ ва морфологияи рагҳои хурди хуну лимфагарди узву бофтаҳои одам дар ҳолати мӯътадил ва беморӣ (перитонит, илтиҳоби гурда, сиррози ҷигар, ғалаёни хун ва ғ.), ҳамчунин дар шароити таҷриба дар водиҳо ва баландкӯҳҳо (ағбаҳои Анзоб ва Мурғоб) тадқиқот анҷом додааст. Муаллифи зиёда аз 170 асарҳои илмӣ ва таълимию методист. Китоби ӯ «Анатомияи одам» (ду ҷилд) дар конкурси таълифи китобҳои дарсӣ сазовори мукофоти «Оли Сомон» (1995) гаштааст (с. 1998 китоби беҳтарини сол шуморида шуд). Дар конгрессҳои гуногуни байналмилалӣ, съезду конференсия ва симпозиумҳои умумииттифоқӣ ва минтақавӣ маърӯза кардааст. Таҳти роҳбарии ӯ 7 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намудаанд. Раиси Ассотсиатсияи морфологҳои ҶТ, ҷонишини раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии давлатҳои Осиёи Марказӣ, узви Шӯрои ҳамоҳангсозии Ассотсиатсияи морфологҳои ИДМ, узви шӯрои таҳририяи маҷ. «Паёми Сино». Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, 7 медал ва Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ос.: Кровеносные сосуды брюшины, Д., 1973; Анатомияи одам, ҷ. 1, Д., 1995, ҷ. 2, 1998; Краткий атлас анатомии человека, Д., 2000; Атлас – учебник по функциональной анатомии человека, т. 1 – 2, Д., 2006, 2008.

АБДУРАҲМО́НОВ Фуод Ҳасан-Ӯғлӣ (28. 4. 1915, Нуха – 15. 6. 1971, Боку), ҳайкалтароши озар, узви вобастаи АР СССР (1949), Рассоми халқии РСС Озарбойҷон (1955), Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Озарбойҷон. Хатмкардаи АР Ленинград (1940). Фаъолияти эҷодиаш ҳанӯз дар солҳои таҳсил оғоз ёфта буд. Соли 1934 ба муносибати 1000-солагии Фирдавсӣ аз рӯйи «Шоҳнома» композитсияи «Тирандоз»-ро офарид. А. бештар ҳамчун ҳайкалтароши монументалист машҳур аст. Ҳайкалҳои Низомӣ дар Кировобод (1946, Мукофоти давлатии СССР, 1974) ва Боку (1949), нимтанаҳои монументалии Чойбалсан ва Сухэ-Батор (мармар, 1954, оромгоҳ дар Улан-Батор), ҳайкали Самад Вурғун дар Боку (1961), ҳайкали Рӯдакӣ дар Душанбе (1964) ва ғ., муҷассамаҳои «Озодшавӣ» (дар Боку, 1960), «Чӯпон» (гаҷ, 1950, Мукофоти давлатии СССР, 1951; биринҷӣ, 1951, Нигористони Третяков) аз беҳтарин муҷассамаҳои офаридаи А. мебошанд. А. нимтанаҳои портретии В. И. Ленин (мармар, 1955, Музейи таърихи Озарбойҷон, Боку), Садриддин Айнӣ (Вазорати фарҳанги СССР, 1964) ва як қатор портретҳои дигарро офаридааст. Бо 2 орден ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АБДУРАҲМО́НОВ Шариф (1898, ҷамоати Кӯиқозиёни ноҳ. Конибодом – 10. 2. 1983, Қӯрғонтеппа), ходими ҳизбӣ ва давлатӣ, аз оилаи деҳқон, яке аз иштирокчиёни фаъоли барқароркунии Ҳокимияти Советӣ дар Шимоли Тоҷикистон. Фаъолияти меҳнатии ӯ хеле бармаҳал оғоз ёфт. Солҳои 1915 – 25 ба ҳайси коргари корхонаи истеҳсоли нефти САНТО (ҳоло КИМ), 1925 – 28 милитсионери ШКД ш. Конибодом, 1928 – 30 раиси Ҷамоати деҳоти Маҳрам, 1930 – 31 раиси батрачком, 1931 – 34 раиси комиҷроияи ноҳ. Конибодом, 1935 – 37 котиби ташкилоти ҳизби коммунистии к-зи «Тоҷикистони Сурх», 1937 – 40 котиби аввали комитети ҳизби коммунистии ноҳ. Даштиҷум, 1940 – 44 раиси артели «Болшевик»-и ноҳ. Конибодом, 1944 – 46 раиси к-зи «Тоҷикистони Сурх»-и ҳамин ноҳия, 1946 – 50 котиби аввали комитети ҳизбии ш. Кӯлоб, 1950 – 58 раиси к-зи «Октябр»-и ноҳияи Қӯрғонтеппа ифои вазифа намудааст. Аз с. 1958 нафақагири дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ буд. Барои хизматҳои бардавомаш дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бо ордену медал ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲМО́НОВА Фирӯза Муиновна (тав. 22. 5. 1970, Душанбе), акушер-гинеколог, доктори илмҳои тиб (2002), проф. (2003). Хатмкардаи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (1992). Ординатори клиникӣ ва ассистент (1992 – 94), аспирант (1994 – 97), ассистенти кафедраи акушерӣ ва гинекологияи фак-ти педиатрӣ (1997 – 99), дотсент (1999 – 2002), проф. (2003 – 05) ва мудири (аз с. 2005) кафедраи акушерӣ ва гинекологияи № 2-и ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. Таъсири омилҳои антропогениро ба хусусияти инкишофи ҷинсӣ ва ҷисмонии духтарони ҷумҳурӣ омӯхта, тариқи пешгирии оризаҳои акушерӣ ва гинекологиро пешниҳод намудааст. Дар бисёр семинару конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маърӯза кардааст (Душанбе, 1998; Алмаато, 1999; Анқара, 2004). Муаллифи 27 мақолаи илмӣ, 5 дастури методӣ, 4 тавсияи методӣ, 4 пешниҳоди навоварона. Таҳти роҳбарии ӯ 9 нафар рисолаҳои номзадии илмро дифоъ кардаанд.



Ос.: Эхографические и доплерометрические исследования молочных желез в пубертатном возрасте в регионе социально-экономического неблагополучия, маҷ. «Здравоохранение Таджикистана», № 1 – 2, Д., 1999; Экология и репродуктивное здоровье девушек, «Российский вестник акушера-гинеколога», т. 2, №3 – 4, М., 2002; Яке аз хусусиятҳои равиши гестатсионӣ ҳангоми фарбеҳӣ, маҷ. «Паёми Сино», № 3, Д., 2008.

АБДУРАШИ́ДОВ Абдувалӣ Абдулмаҷидович (тав. 9. 1. 1959, Душанбе), навозанда, доханда ва муҳаққиқи мусиқии тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2001). Хатмкардаи мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ш. Душанбе (1976) ва Консерваторияи давлатии Тошканд (1981). Баҳри такмили илму ҳунари хеш ва омӯзиши анъанаҳои мусиқии суннатии Шарқ, аз ҷумла анъанаи касбии шифоҳии «устод ва шогирд» дар Консерваторияи давлатии Боку (1985) ва Донишгоҳи Теҳрон (1999) таҳсил намудааст. Муаллими ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1981 – 93), ноиби президенти Академияи мусиқии ҶТ (1993 – 95), ходими калони илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ ҶТ (1995 – 98), мудири шӯъбаи санъатшиносии Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги ҶТ (1998 – 2002), роҳбари бадеии Ансамбли давлатии «Шашмақом»-и ба номи Ф. Шаҳобов (2002 – 04). Ҳамзамон сарвари маркази мусиқии суннатии тоҷик «Наво» (аз с. 1993), Академияи мақоми ҶТ (аз с. 2003), мактаби мусиқии бачагонаи «Шашмақом» (аз с. 2005) ва аз с. 2007 мудири шӯъбаи мусиқии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон. А. навозандаи варзидаи мусиқии суннатии тоҷик дар созҳои танбӯр, сато, рубоб ва уд, муҳаққиқи назму мусиқии суннатии тоҷик – шашмақомшинос ва арӯзшинос мебошад. Дар мавзӯи «Танбӯр ва моҳияти он дар омӯзиши ташакулли пардаҳои мусиқии «Шашмақом» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст (1991). А. шоҳаҳои овозии «Шашмақом» – «Мушкилот» (иборат аз 48 оҳанг), аз ҷумла қисмҳои асосии он – Тасниф, Тарҷеъ, Гардун, Мухаммас, Сақил ва бахшҳои дигари он – Муноҷот, Сегоҳ, Чоргоҳ, Наврӯзи Сабо, Сарахбори Наво ва


Абдурашидов А.


Абдурашидов И.

ғ.-ро хеле хуб менавозад ва қисме аз онҳоро сабт кардааст. Ӯ дар тарбияи насли нави ичрогарони ҳирфаии мусиқии суннатӣ ва эҳёи анъанаҳои асили мусиқии «Шашмақом» – силсиласароӣ, «устод ва шогирд» низ саҳми хоса дорад. Соли 2007 ба ифтихори бузургдошти «Шашмақом» дастаи ҳунарии Академияи мақоми ҶТ зери сарварии А. бори аввал дар таърихи шашмақомсароӣ кулли навъи силсилаҳои қисми овозии «Наср»-и мусиқии «Шашмақом»-ро пайиҳам дар давоми 6 рӯз ичро кард. А. иштирокчии чандин озмунҳои мусиқӣ, симпозум ва ҷашнвораҳои байналмилалии мусиқишиносӣ (Самарқанд, Тошканд, Эрон), Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Федератсияи Россия (2005), ЮНЕСКО (Париж, 2005), ҷашнвораҳои мусиқӣ дар Европа, ШМА мебошад. Дорандаи ҷоизаи байналмилалии Грэми (2008) аст. Бо ордени Дӯстӣ (2005) ва ордени Ситораи Командори Франсия дар рушди ҳунар ва суханварӣ (2005) сарфароз гардидааст. *Н. Шарипов.*

АБДУРАШИ́ДОВ Исо (тав. 15. 3. 1947, деҳаи Сангонели ноҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), актёри театр ва кинои тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи факти санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1972). Актёр (1972 – 89) ва директори (1989 – 2008) Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ. Аз с. 2008 ҳунарпешаи ҳамин театр ва ҳамзамон муаллими калони ДДСТ ба номи М. Турсунзода. А. дар саҳнаи театр ва кино зиёда аз 50 рол офаридааст. Ёдгор («Дохунда»-и Ҷ. Икромӣ), Ҷунайд ва Саҳл ибни Мансур («Рӯдакӣ»-и Ғ. Абдулло), Қиёмиддин мударрис («Алломаи Адҳам»-и С. Улуғзода), Шпигелберг («Роҳзанҳо»-и Ф. Шиллер), Эдмунд («Шоҳ Лир»-и У. Шекспир), майор Собиров («Наҳҳои печида»-и М. Холов), Муборакхон («Фарёди ишқ»-и Ғ. Абдулло), домулло («Чорсӯ»-и Н. Табаров), Сталин («Драмаи миллат» ва «Ориёиро ёбед»-и С. Аюбӣ), гунг («Афсонаҳои мӯйсафед»-и Н. Абдуллоев), Рустам («Зуҳури навини Сӯҳроб»-и Ф. Умаров), Исмоили Сомонӣ (намоиши оммавии театрӣ дар Варзишгоҳи марказии ш. Душанбе ба муносибати 5-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон) ва ғ. намунае аз ролҳои офаридаи А. дар саҳнаи театр мебошанд. А. дар кинои тоҷик низ ролҳои ҷолиб офаридааст: Азизбек («Воқеа дар аэропорт», реж. Ю. Юсупов), лейтенанти калон («Қапқон барои шағолҳо», реж. Маҳмудов), Саид оҳангар («Дарди ишқ»-и реж. А. Тӯраев), Абдураҳмонов («Маънии ҳаёт», «Ӯзбекфилм») ва ғ. Ба ш. Москва (1997), ҶИЭ (1999), ш. Бишкек (2004, 2005), Осетияи Шимолӣ (2001) сафарҳои ҳунарӣ кардааст. Узви Иттифоқи арбобони театри Тоҷикистон. *Н. Шарипов.*

АБДУРАШИ́ТОВ Рашит (тав. 22. 7. 1935, ш. Қӯрғонтеппа), рассоми тоҷик. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ш. Душанбе (1958). Шогирди Г. А. Кузмин ва В. М. Боборикин. Фаъолияти рассомиаш аз с. 1960 оғоз гардида, асарҳои аввалинаш нисбатан содаву одӣ ва бештар ба тасвири манзара бахшида шудаанд («Манзараи баҳор», «Дар гулгашти Театри тобистона», «Рӯзи офтобӣ», ҳар се – 1960). Пас аз сафари эҷодӣ ба шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ мазмуни мусаввараҳои А. бой ва рангин гашта, доираи тасвираш низ тавсеа меёбад. Минбаъд қаҳрамонони мусаввараҳои ӯ кӯҳканҳо, нефтчиён, пахтакорон, чӯпонон ва коргарони одӣ қарор мегиранд. Ҷустуҷӯи қаҳрамонон аз ҷӯшу хурӯши зиндагӣ ва тасвири боварибахши табиат ба мусаввараҳои рассом драматизми хос бахшида, боиси воқеиву табиӣ баромадани асарҳояш гардидаанд. Дар мусаввараҳои «Мастчоҳиён» (1969, аз силсилаи «Фотеҳони замини Дилварзин») рассом чаҳор нафар деҳотиро тасвир намудааст, ки кӯхсорро тарк карда, дар водӣ ба шуғли наву тарзи зиндагии нав пардохтаанд. Иттиҳоди мардум, иртиботи ботинӣ ва ягонагии рӯҳии онҳо зимни меҳнати якҷоя асоси мавзӯи мусаввараҳои «Фотеҳони замини навкорам» (1969), «Духтарон аз Панҷ» (1969), «Сӯҳбат» (1971) ва ғ. гардидаанд. Рассом низоми зиндагиро дар меҳнат мебинад ва зимни фаъолияту зиндагии синфи коргар як силсила мусаввараҳои лирикиву таърихӣ ва маишӣ офаридааст: «Бетонрезон» (1970), «Бофандаҳо» (1972), «Эҷодкорон» (1972), «Трактрчӣ» (197), «Дар бригадаи Иванов. Алюминийи Регар» (1975) «Дар корхонаи рехтагарии «Тоҷикгидроагрегат» (1981), «Вахшстрой», «Дар оянда» (1984). Дар мусаввараҳои ба НБО-и Норак бахшидааш мардонагию матонат, қаҳрамонию фидокорӣ ва дӯстию бародарии мардуми советиро тасвир намудааст: «Шоми Норак» (1975), «Шахпаймои монтажчӣ» (1977), «Ҷавонон аз Тутқавул» (1978), «Шанбегӣ дар Норак» (1978), «Навои хайрбодӣ бо Норак» (1983) ва ғ. Ҷустуҷӯҳои эҷодии солҳои охири А., дарки файласуфонаи олам, эҳсоси шоиронаи зиндагӣ, ҷилваи тафаккур василаҳои ба вуҷуд омадани як силсила асарҳои мураккаби рангинмавзӯю гуногунсохт гардиданд: «Қалъаи Сурх», «Буддо» (1981), «Муколама. Портрети Артисти халқии РСС Тоҷ. Ҳошим Гадоев дар роли Гамлет», триптихи «Аз сурудҳои солҳои ҷанг» (1985) ва ғ. А. дар давоми фаъолияти эҷодиаш (то с. 1986) бештар аз 150 асари рассомӣ ва зиёда аз 90 асари рассомии сиёҳқаламӣ офаридааст. А. иштирокчии бисёр намоишҳои асарҳои рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи Советӣ ва хориҷа мебошад. Дорандаи Мукофоти комсомоли ленинӣ (1972). Ба Руминия (1972), РДГ (1975, 1977), Афғонистон (1977), Непал (1979) ва Италия (1980) сафари ҳунарӣ кардааст. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИР Тоҷикистон аз с. 1970. *Б. Раҳматов.*

АБДУРРАЗЗО́Қ МАҲДӮ́М (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (ох. а. 19 – авв. а. 20). Зодгоҳаш Шош. Дар навиштани анвои хати арабӣ маҳорати баланд дошта, осори классикони адабиёти форс-тоҷикро китобат кардааст. Аз намунаи осори китобаташ то имрӯз мачмӯаҳои ашъори «Девони Юсуф» (китобаташ 1908, таҳти рақами 902), «Девони Фирӯз» (китобаташ 1908, таҳти рақами 3442) ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (китобаташ 1904, таҳти рақами 7768) боқӣ мондаанд, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд. *С. Султонов.*

АБДУРРАЗО́ҚИ ЛОҲИҶӢ Алӣ ибни Ҳусайн, мулаққаб ба Файёз (с. тав. номаълум – вафот. 1661), намояндаи мактаби фалсафаи Исфаҳон ва ҳикмат мутаолиҳаи Эрон. Яке аз шогирдон ва домоди Садруддини Шерозӣ. А. Л. улуми замонаашро дар Мароға омӯхт, сипас ба маркази ҳавзаи илмии аҳди Сафавия – Исфаҳон омада, ба омӯзиши улуми ақлию нақлӣ пардохт. Ҳикмати

мутаолиҳаро аз Садруддини Шерозӣ омӯхт. Масоили асосии ҳикмати машшоъ ва ишроқро хуб медонист ва муҳаққиқи машҳури илми калом низ шуда буд. Дар шоирӣ низ қувваозмоӣ кардааст. Шеър ҳам менавишт. А. Л. асарҳои бисёре таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон «Шавориқ», «Таълиқот бар шарҳи ишорот» ва «Гавҳари мурод» мебошанд. Шарҳу ҳошияҳои бисёре ба осори пешгузаштагону ҳамасронаш дорад. Яке аз онҳо «Ҳошия бар ҳавошии Урфӣ бар таҷрид» ном дорад. Бино ба маълумоти муҳаққиқон, ашъори А. Л. ба сабки Соиби Табрезӣ шабоҳати зиёд доштааст. «Гавҳари мурод» роҷеъ ба илми калом баҳс мекунад. Муаллиф дар он масъалаҳои асолати моҳият ва вуҷудро шарҳ дода, ба баёни афкори ирфонӣ мепардозад ва таносуби маърифати зоҳирию ботиниро таҳқиқ намуда, навъҳои гуногуни кашфу завқи тасаввуфиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз мазмуни ин асар чунин бармеояд, ки А. Л. ба ҳикмати ишроқу афкори тасаввуфӣ бештар майл дошта, шеваи онҳоро аз ақоиди аҳли назар (машшоиён) дар дарки ҳақиқат муассиртар медонистааст. Ӯ дар «Гавҳари мурод» дар ин бора менависад: «Одамиро ба Худои таоло ду роҳ аст – яке роҳи зоҳир ва дигаре роҳи ботин. Роҳи ботин роҳест, ки аз он ба Худо тавон расид. Роҳи зоҳир роҳест, ки ба-д-ӯ Худойро тавон донист. Аз донистан роҳ бисёр аст то расидан. Таййи тариқаи ботин суубат дорад, вале роҳи зоҳир, ки роҳи истидлол бошад барои ҳамаи уқало маълум аст». Дар фалсафа А. Л. таълимоти устоди худро пайравӣ карда, қоил ба ҳақиқати вуҷуд ва ваҳдати ҳақиқати он будааст. Дар осори фалсафиаш масоили иллату маълул, исботи ташкики (гумон) хоси вуҷуд, шиддату заъф ва ғ.-ро баррасӣ намудааст. Дар «Шавориқ» роҷеъ ба навъҳои ҳаракат таваққуф намуда, ҳаракати ҷавҳариро инкор кардааст. Дар ин бора ӯ менависад: «Ҳаракат дар мақулаи гавҳар мумкин нест, чун ҷавҳар зоти ҷисм аст ва ҳаракат дар зотиёт ҷоиз набошад». Дар ҳамин асараш А. Л. назари машшоиён, ишроқиён, мутакаллимон ва орифонро доир ба мавҷудияти олами барзах, сувари муртасима, нақши қувваи воҳима ва хаёл дар ҷараёни маърифат баён намудааст. А. Л. дар солҳои охири фаъолияташ дар мактаби Исфаҳон аз «Шавоҳид-ур-рабубия» ва «Мабдаъ ва маод»-и Мулло Садро ва «Шарҳи ҳикмати ишроқ» ба шогирдон дарс мегуфт. Шогирдони бисёре тарбия намудааст, ки Қозӣ Саиди Қумӣ аз машҳуртарини онҳо мебошад.

Ад.: Мунтахаботе аз осори ҳукамои илоҳии Эрон аз асри Мирдомод ва Мирфандрескӣ то замони муосир. ҷ. 1 – 4. Т., 1352 – 1357, ҳ. ш.; Муқаддимаи Саид Ҷалолуддини Оштиёнӣ бар «Шавоҳид-ур-рабубия» -и Садриддини Шерозӣ. Машҳад, 1346, ҳ. ш.; Ҳазраткулов М. Философские взгляды Садриддина Шерози, Д., 1985.

М. Ҳазраткулов.

АБДУРРАЗЗО́ҚИ САМАРҚАНДӢ Камолиддин Абдурраззоқ ибни Ҷалолиддин Исҳоқи Самарқандӣ (8. 11. 1413, Ҳирот – 1482, ҳамон ҷо), нависандаю таърихнигор ва шоири форсгӯчик. Падари ӯ зодаи Самарқанд буда, дар қароргоҳи Шоҳрух (ҳукмр. 1404 – 47) вазифаи қозигӣ ва имомиро адо мекард. Давраи ҷавонӣ ва донишомӯзии А. С., асосан, дар Ҳирот гузаштааст. Ӯ дар ин айём дар баробари анвои илмҳои анъанавӣ аз қабили Қуръон, ҳадис, тафсир ва фиқҳу усул илмҳои таърих, забону адабиёт ва иншову шеърро ҳам меомӯхт. Аввалин дафъа дар синни 25-солагӣ ба дарбори Шоҳрух (1437) муаррифӣ гардид ва ба амир шарҳи ба рисолаи забоншиносии Азудуддини Инҷу навиштаашро пешкаш намуд. Дар замони ҳукмронии Абулқосим Бобур (1449 – 57), Абусаид (1458 – 69) мулозими онҳо ва дар замони султон Ҳусайн Бойқаро (1470 – 1506) шайхи хонақоҳи Шоҳрух буд. Соли 1441 Шоҳрух сафорати расмии ҳукуматие бо сардории А. С. ба Ҳиндустон фиристод. Мусофирон ба Калкатта ва шоҳигарии Ваҷаянагара рафтанд ва с. 1444 ба Ҳирот баргаштанд. Шоҳрух с. 1446 бори дигар дар ҳайати сафорат ӯро ба Гелон (Эрон) фиристод. Соли 1463 султон Абусаид А. С.-ро шайхи хонақоҳи Шоҳрухи Ҳирот таъйин кард ва то охири ҳаёташ ба ҳамин вазифа машғул буд. А. С. муаллифи таърихномаест бо номи «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» (иборат аз ду дафтар – ҷилд, анҷомаш с-ҳои 1467–70; такмилаш то с. 1480 идома ёфтааст). Асари А. С. идомаи «Зубдат-ут-таворих» ном асари таърихнигор Ҳофизи Абрӯ мебошад, ки ҳодисаҳову воқеаҳои то с. 1427 дар Моваройуннаҳру Хуросон рӯйдодаро дар бар мегирад. «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» воқеаҳои таърихии байни с-ҳои 1304 – 1469-ро инъикос менамояд. «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» симои А. С.-ро дар назари хонанда на танҳо чун таърихнигори дақиқназар, балки чун насрнависи хуштабъ ҷилвагар месозад. Забонаш содаву равон мебошад. Ба ғайр аз осори мансур А. С. инчунин дар навъҳои гуногун шеър гуфтааст, ки намунаашон ба воситаи тазкираҳо то замони мо расидаанд. Матлаи зерин аз ӯст:

Боз абрӯ карда боло турки тирандози ман,
Оламеро кушту дорад ин замон андози ман.

Ад.: Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор, М., 1972; Миклухо-Маклай Н. Д., Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения, в. 3. Исторические сочинения, М., 1975. *А. Алимардонов.*

АБДУРРАҲӢМИ БИҲОРӢ, Абдурраҳим ибни Аҳмади Сури Биҳорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), луғатнависи форсизабони Ҳиндустон. Дар музофоти Биҳор умр ба сар бурдааст. Ӯ ба воситаи фарҳанги худ «Кашф-ул-луғот ва-л-мусталиҳот» (таълифаш тақр. 1608), ки баъзан дар маъхазҳо бо унвони «Фарҳанги шайх Абдурраҳими Биҳорӣ» низ ёд шудааст, маъруф гардидааст. Аз маълумоти дар дебочаи «Кашф-ул-луғот…» дарҷгардида бармеояд, ки А. Б. тартиб додани фарҳангро барои қонеъ гардонидани талаботи ёрон, бародарон ва фарзандону шогирдон, ки маънои калимоти арабӣ, хусусан истилоҳоти тасаввуфро донистан мехостанд ва пайваста аз ӯ мепурсиданд, оғоз намудааст. А. Б. барои анҷоми чунин кор аз 15 фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ва 7 фарҳанги арабӣ истифода бурдааст. Дар ин фарҳанг А. Б. ба ҳалли мушкилот, маъниҳою матолиби девони ашъори Қосими Анвор кӯшидааст ва зимнан калимаҳову истилоҳоти берун аз ин асарро низ мавриди шарҳу тавзеҳ қарор додааст. Аз асари А. Б. фарҳангнависони баъдина чун сарчашмаи мӯътамад истфода бурдаанд.

Ад.: Шаҳриёри Нақавӣ, Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон, Т., 1341 ҳ. ш.

АБДУРРАҲӢМИ КӮЛОБӢ Шоҳ Абдурраҳим ибни Сайид Мирзо Муҳаммади Кӯлобӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1870), шоири тоҷик. Бо тахаллусҳои Раҳим, Раҳимӣ, Абдурраҳим ва Абдурраҳимӣ эҷод кардааст. Таҳсили улуми мутадовилаи даврашро дар зодгоҳаш – Кӯлоб оғоз карда, сипас барои идомаи таҳсил ба Бухоро рафт. Аз баъзе шеърҳои А. К. бармеояд, ки ӯ дар ибтидо аз таҳсил ва зиндагӣ дар Бухоро хушнуду ризо будааст. Вале баъдан дурӣ аз зодгоҳу хешу табор, мувофиқи табъ пайдо накардани шуғл ва эҳтиёҷмандию ҳаёти бади моддӣ торафт ба ӯ фишор меоварданд. Ба ин вазъ тоб наоварда ба зодгоҳаш бармегардад. Дар охири умраш ба тасаввуф рӯй овард. Нусхаи дастнависи (аслии) девони ашъори шоир дар Шӯъбаи дастхатҳои шарқии Китобхонаи миллии ҶТ нигоҳдорӣ мешавад. А. К.

бо осори бисёре аз саромадони адабиёти форс-тоҷики даврони гузашта ошноӣ доштааст. Дар ғазалҳояш асосан ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст. Девони ашъори А. К. тамоми анвои ашъори лирикии шоир (ғазал, рубоӣ, мухаммас, мусаддас, мусамман, муноҷот) ва «Соқинома»-и ӯро (84 байт) фаро мегирад. Ашъори А. К. саршор аз афкори шикоятӣ аз мушкилиҳои зиндагӣ, қашшоқию нодорӣ, беинсофию бемурувватии аҳли замон, таассубу авомфиребии баъзе рӯҳониён мебошад. Аз А. К. маснавие бо номи «Муқатилнома» ба забони туркӣ (ӯзбекӣ) боқӣ мондааст, ки шомили 832 байт аст. Намунае аз ғазалиёти ӯ:

Мабош зоҳиди зоҳирпарасту ошиқ бош!
Чӣ қавлу феъл, ки дорӣ, биёву содиқ бош!
Ба ҳар кӣ аҳд намоӣ, макун нифоқ ба дил,
Саре матоб зи қавлаш, ба ӯ мувофиқ бош!
Ба ростӣ бинамо хӯ, қабули ҷумла шавӣ,
Ба содиқон бинишин, душмани мунофиқ бош!
Зи хулқи хуш, раҳи таслиму ачзу хушхӯӣ
Қабули хотири шоиста бошу лоиқ бош!...

Ад.: А б и б о в А., Доираҳои адабии Бухорои шарқӣ, Д., 1984. *А. Алимардонов.*

АБДУРРАҲИ́МИ НИЗОРӢ (1770, Қошғар – 1848, Турфон), шоир ва хаттоти уйғур. Дар дарбори ҳокими Қошғар Зуҳириддинбек котибӣ кардааст. Барои мактабу мадрасаҳои уйғурӣ дар асоси асарҳои Ҳофиз ва Навоӣ дастурҳои таълимӣ тартиб додааст: «Хоҷа Ҳофиз», «Навоӣ» (1805). Дар адабиёти уйғур нахустин бор 9 достони машҳури адабиёти классикии форс-тоҷик («Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Вомиқ ва Узро», «Чаҳор дарвеш», «Маҳзун ва Гулнисо», «Масъуд ва Дилоро», «Робия ва Саъдин», «Дурр-ун-наҷот», «Малика ва шоҳ»)-ро мураттаб намуда, ба ҳар яке аз достонҳо дебоча навиштааст. А. беш аз 20 достон, 80 мухаммас, қасида ва қиссаҳо эҷод кардааст. А. инчунин шеърҳои Бедил, Навоӣ, Хайём, Ҳофиз, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва аз «Ҳазору як шаб» 370 ҳикояро ба забони уйғурӣ тарҷума намудааст. Куллиёти Навоиро китобат кардааст. Нусхаи нодири он дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст (№ 136).

АБДУРРАҲИ́МИ ПЕШКӮҲӢ (с. тав. ва вафот номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Пешкӯҳ. Хаттоти моҳир ва устоди беҳамтои хати настаълиқ будааст. Қитъаҳои зиёдеро китобат намудааст, ки намунаҳояш дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд. Табъи баланди шоирӣ низ доштааст. *С. Султонов.*

АБДУРРАҲИ́МИ ХОРАЗМӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва шоири форс-тоҷик (а. 16). Писари Абдурраҳмони Хоразмӣ. Дар бораи зиндагии А. Х. маълумоти кофӣ дар даст нест. Вай асосан дар Шероз ва Табрез зиндагӣ кардааст. Ҳунари хаттотиро дар овони бачагиаш аз падараш омӯхтааст. Фаъолияти хушнависии А. Х. асосан ба с-ҳои 1460 – 94 рост меояд. Дар дарбори Яъқуб ибни Ҳасан Оққуюнлу (ҳукмр. 1478 – 90) хушнавис будааст. А. Х. девони Алишери Навоӣ (ох. 1471), девони Анисӣ (1493 – 94) ва девонҳои шуарои дигарро бо хати зебо ва дилписанд китобат кардааст, ки ҳоло дар яке аз китобхонаҳои ш. Истанбули Туркия маҳфузанд. Сабк ва услуби хаттотии А. Х. дар миёни хаттотон ва хушнависон то ох. а. 15 ба унвони хати улгӯ (намунавӣ) маҳсуб мешуд. Муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони осори А. Х. бар ин ақидаанд, ки ҳунари А. Х. ба мактаби хаттотии дарбори Сафавиён таъсири вижае доштааст. Ба ақидаи Қозӣ Аҳмад (дар «Гулистони ҳунар») теъдоди зиёди хаттотон ва хушнависони Шероз худро аз пайравон ва ҳаводорони сабки А. Х. медонистанд. А. Х. табъи шоирӣ низ дошта, бо тахаллуси «Анисӣ» шеърҳои хуб гуфтааст. Қозӣ Аҳмад дар китоби «Гулистони ҳунар» аз ашъори А. Х. намунаҳо овардааст.

Ад.: К а з и А х м е д, Трактат о каллиграфах и художниках, М.– Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч. 1, Д., 1988; А ш р а ф ӣ М., Миниатюра: От Бехзода до Ризай-и Аббаси, Д., 2011. *Л. Бойматов.*

АБДУРРАҲМО́Н БАРА́КИ МУНШӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи форс-тоҷик (а. 15). Аслан аз Бухорост. Асарҳои бисёреро китобату хаттотӣ намудааст. Соли 1464 бо супориши амир Субҳонқулихон «Баҳр-ул-хавос» ном асари Неъматуллоҳ Ҳокими Кирмониро бо хати хоною зебо китобат кардааст. Мутаассифона, асар аз рӯи нусхаи асл китобат нашуда, баъд тавассути ҳакимони нуқтадон Ҳоҷӣ Амин, Охунд Муллоғафур, Хоҷа Яъқуби Китобдор ва Мир Муҳаммади Мунши зимни нусхаи асл ислоҳ гардида, ки дар натиҷа ҳусни хати А. қадре коҳидааст. Бо вуҷуди ин асар қимати худро гум накарда, дар хушхатӣ назир надорад. Дигар намунаҳои осораш то имрӯз маҳфуз намондаанд. *С. Султонов.*

АБДУРРАҲМОНБЕ́Г (1856, Бухоро – 1916, ҳамон ҷо), ҳофиз, оҳангсоз ва машшоқи номии тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Бухоро, аслу насабаш аз Насаф аст. Санъати сарояндагӣ ва навозандагиро дар Бухоро аз худ намудааст. Зимни ҳамнишинӣ бо устодони «Шашмақом» Бобоҷалол Носирзода ва Бобоғиёс Абдулғанизода ба қатори беҳтарин хонандагону сарояндагони мақомҳои классикӣ расидааст. А. муддате дар дарбори манғитиён (Абдулаҳад) мутриб буда, дере нагузашта хизмати дарборро тарк мекунад. А. дар миёни аҳли санъати мусиқии Бухоро бо истеъдоди баланди сарояндагиву мутрибиаш ном бароварда, дар тартибу тадвини матни «Шашмақом» ва қисмҳои созию овозии он саҳм гузоштааст. Бо саъйи ӯ чандин манзумаи мақомҳо («Рисолаи Шашмақом», «Рисола дар шаш мақом», «Рисолаи шашмақоми мусиқӣ») таълиф гардидаанд. А. ба қисматҳои таронавии мақоми «Наво»-и «Шашмақом» аз ҷиҳати матн ва сабки ичроиш тағйирот даровардааст. А. инчунин танбӯрнавоз ва оҳангсози соҳибзавқ буда, дар мизони таронаву навоҳои халқӣ бо таъсири мақомҳои классикӣ асарҳои шаклан мураккаб эҷод намудааст. «*Абдурраҳмонбегӣ*» аз ҷумлаи таснифоти машҳури ӯст.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБДУРРАҲМО́Н ДАВЛА́Т И́БНИ ТОЛЕ́Ъ (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих, толеъшинос (астролог) ва нависандаи тоҷик (а.-ҳои 18 – 19), ҳамасри Абулфайзхон – охирин намояндаи силсилаи Аштархониёни Бухоро. А. муаллифи асари таърихии «Таърихи Абулфайзхон» аст. Ин китоб шомили таърихи ҳукумати Абулфайзхон буда, иттилооти муҳиме дар робита бо таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ – иқтисодии а. 18 Осиёи Миёна гирд оварда шудааст.

«АБДУРРАҲМОНБЕГӢ», тарона, ки оҳанги онро ҳофиз ва оҳангсози номӣ Абдурраҳмонбег (а. 19) эҷод кардааст. Ин тарона дар асоси қисматҳои таронавии мақоми «Наво» таълиф шудааст. Чунин «А.»-ҳо маъруфанд; «А.»-и 1 ва 2. Ин ду асар дар асоси зарбу навоҳои оҳанги «Савти сарвиноз» таснифи шудаанд. Уфари «А.»- и 2 ба зарбу усули «Соқиномаи савти сарвиноз» наздик аст. «А.» чун яке аз усулҳои таронавии мақомҳо дар қисмати «Муғулча»-ҳо низ вомехӯрад. Чанд шакли дигари «А.» низ маълум аст. Яке аз шаклҳои хуби онро *Ҳоҷӣ Абдулазиз* месуруд. *Ф. Азизӣ.*

АБДУРРАҲМО́НИ I (734 – 788), амири Қурта аз с. 756, асосгузори сулолаи Умавиёни Қурта дар нимҷаз.

Пиреней. А. аз Сурия ба воситаи Африкаи шимолӣ ба Испания рафт. Он ҷо Кордова (Қурта)-ро забт карда, амири Андалусия гардид. Ба манзури мутамарказонии давлат бар зидди аъёну ашрофи қабилаҳои араб ва барбарҳо (муқимнишинони Африкаи Шимолӣ ва Судони Марказию Ғарбӣ) бомуваффақият мубориза бурд.

АБДУРРАҲМО́НИ II (792 – 852), амири Қурта аз с. 822, абераи Абдурраҳмони I. Ҳомии машҳури илму дониш ва санъат. Дар сиёсат мутаассиб набуд, ба ҳамаи динҳо эҳтиром дошт. Иморатҳои боҳашамате, ки дар замони А. II сохта шуданд, ба хазинаи давлат зарар оварданд.

АБДУРРАҲМО́НИ III (891 – 961), амир (912) ва баъд халифаи Куртуба аз с. 929. Ба А. III лақаби «Ғолиб» (ан-Носир) гузошта буданд. Аморатро, ки аз тарафи собиқадоронаш суст ва пароканда шуда буд, барқарор кард. Соли 931 Сеута, 932 Толедоро забт намуд. Аз с. 955 Леон ва Наварра ба А. III. хироҷ месупориданд. Бо Византия ва императори «Империяи Рими муқаддас» Оттони I муносиботи дипломатӣ дошт. Гвардияи устувору пуркуввате аз ҳайати ғуломони европоӣ ташкил дод, ки онҳоро «сақалиба» меномиданд. Флоти пуриқтидортарин дар Баҳри Миёназамин таъсис дода, сохтмонро низ хуб ба роҳ монд. Замони А. III қароргоҳи берун аз шаҳрӣ бо номи «Заҳра» сохта шуд, сохтмони масҷиди Кордова оғоз гардид. Ҳокимияти А. III, қуллаи баландтарини ҳокимияти Умавиёни Куртуба ҳисоб меёбад.

АБДУРРАҲМО́НИ МУҲМА́НД (номи дигараш Раҳмон Бобо; 1632, деҳаи Баҳодури назди ш. Пешовар – 1706, ҳамон ҷо), шоири афғон. Ба забони пашту менавишт. Осораш дар девоне фароҳам омадаанд, ки дар Лоҳур (1876) ва Кобул (1949) ба табъ расидааст. Мавзӯъҳои ашъораш ишқ, панду андарз, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, даъват ба ваҳдати миллӣ ва ғ. мебошанд. Дар баъзе навиштаҳояш оҳангҳои шикоят аз замона, танқиди рӯҳониёни мутаассиб ва ғ. ҷой доранд. Дар Афғонистон ба номи А. М. мукофоти «Раҳмон Бобо» таъсис ёфтааст.

АБДУРРАҲМО́НИ ОФТОБАЧӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз роҳбарони шӯриши халқии с-ҳои 1873 –76 дар *хониги Хӯқанд*. А. О.-ро аввалҳо Худоёрхон ба вазифаи офтобачии дарбор (дар замони пеш ин вазифа обдор, дастархондор ва амсоли инҳо ном дошт) таъйин карда буд. Апр. 1873 дар навоҳии ҷанубу шарқии хонии Хӯқанд бо роҳбарии Муллоисҳоқ (маъруф ба Пӯлодхон) шӯриши халқӣ сар зад ва пас аз ду моҳ Худоёрхон А. О.-ро бо сипоҳиёни барои пахш намудани шӯриш фиристод, вале А. О. бо тамоми сипоҳиёнаш ба тарафи шӯришгарон гузашт. Мутобиқи ҳадси муҳаққиқон Худоёрхон падари А. О.-ро қатл карда будааст ва ин амал қасос аз Худоёрхон қаламдод мешавад. Пас аз чанде барои расидан ба тавофуқ ва амн А. О. аз фаъолони шӯриш 40 нафар вакилро ба назди Худоёрхон фиристод, вале ӯ ҳамаи вакилонро қатл намуд. Пас аз ин воқеа шӯриш вусъат ёфт; шӯришчиён Ӯш, Намангон, Андиҷон, Ассакӣ ва Олтинариқро тасарруф намуданд. Писари хурдии Худоёрхон – Муҳаммадаминбек низ ба шӯришчиён пайваст. Худоёрхон ба вазъияти ногувор афтода, аз генералгубернатори Туркистон мадад хост. 22 июли 1875 байни лашкари хон ва шӯришчиён задухӯрди шадиде ба амал омада, Худоёрхон шикаст хӯрд ва бо наздиконаш аз тариқи Хӯқанд вориди Тошканд шуда, худро тобеи ҳукумати Россия намуд. Ҳокими Хӯқанд Насриддинбек – писари калонии Худоёрхон хони Хӯқанд эълон гардид. Вале шӯришчиён пайваста зидди хони Хӯқанд ва қувваҳои низомии русӣ мубориза мебурданд. Оқибат янв. 1875 А. О. ба генералгубернатори Туркистон таслим ва зери маъмурияти Россия паноҳанда шуд. Февр. 1876 қувваҳои низомии генерал-губернатори Туркистон ин шӯришро саркӯб карданд ва хонии Қӯқанд низ аз байн рафт. *Л. Бойматов.*

АБДУРРАҲМО́НИ САМАРҚАНДӢ, Мирзо Мулло Абдураҳмон ибни Муҳаммадлатиф Мустаҷири Самарқандӣ (с.-и тав. ва ваф. номаълум), сайёҳ, мутарҷим, роҳбалад ва ҳамкори олимони рус дар омӯзиши этнография ва географияи Осиёи Миёна. А. С. аслан тарҷумон ва роҳбалади шарқшинос ва географ рус А. Л. Кун дар Экспедитсияи Искандаркӯл (1870) дар болооби д. Зарафшон (аз ноҳияи Панҷакент то деҳаи Палдорики навоҳии Кӯҳистони Мастчоҳ ва водии д. Яғноб буд. Хотироташро бо номи «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» (аз 25 апр. то 27 июни 1870) таълиф намудааст, ки он барои омӯхтани таърих, забон, расму ойини халқҳои Осиёи Миёна, хусусан халқи тоҷик арзиши муҳими илмӣ дорад. А. С. ба Бухоро, Шаҳрисабз, Хева низ сафар карда хотироташро навиштааст. Дар сафарномаи туркистониаш (1873) дар бораи кӯчидани баъзе қабилаҳо ва ба Хоразм омадани туркманҳо, маълумоти арзишманд додааст. Ӯ с. 1872 баъди тамошои Намоишгоҳи политехникии Москва хотироташро ба унвони «Рӯзномаи виставкаи Маскоб» таълиф кардааст. *Ю. Малсев.*

АБДУРРАҲМО́НИ СУФӢ Абулҳусайн (Абулҳасан) Абдураҳмон ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Саҳли Суфии Розӣ (8. 12. 903, Рай, Эрон – 25. 5. 986, Исфаҳон), мунаҷҷим ва ҷуғрофидони арабизабони форстоҷик. Солҳои 946 – 947 дар ш. Диновар (наздикии Кирмоншоҳ), с-ҳои 948 – 949 дар Исфаҳон зиндагӣ ва фаъолият кардааст. А. С. тарғибкунандаи равияи риёзӣ дар нуҷум ва ҷуғрофияи асрҳои миёна мебошад. Рисолаҳои риёзиву ҳайатшиносии зерин ба қалами А. С. мутаалиқанд: «Рисола дар амали ашколи мутасовиййа ул-азлаъ», «Китоб сувар-ул-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситораҳои собита»), «Китоб-ул-амал би-л-устурлоб» («Китоби амал бо устурлоб»), «Китоб-ул-амал би-л-кура ул-фалакиййа» («Китоби амал бо кураи фалакӣ (глобус)»), «Китоб-ул-мадхал илм ан-нуҷум ва аҳкомиҳи» («Китоби муқаддима дар илми нуҷум ва аҳкоми он»). Асари маъруфи ӯ «Китоб сувар-ул-кавокиб ас-собита» (965) ба шарҳи бурҷҳои дувоздаҳгона, тавсиф ва вазъи онҳо дар гунбази фалак бахшида шудааст. Рисолаи «Китоби тасвири ситораҳои собита» аз тарафи муаррихони илм «Шоҳасари ҳайатшиносии мушоҳидавии асрҳои миёна» номида шудааст. Дар он тавсири 48 бурҷ ва ҷадвали 1017 ситораи собита дода шудааст. Аз феҳристи бурҷҳое, ки дар ин асар оварда шудааст, олимони даврахои минбаъда (мас., Берунӣ дар «Осор-ул-боқия») истифода бурдаанд. А. С. дар дарбори амир Азудуддавла (949 – 983) чун мунаҷҷим эҳтиром ва эътироф дошт ва кураи арзи (глобус) нуқрагин сохт, ки дертар он дар китобхонаи қасри Фотимиёни Қоҳира гузошта шуд. А. С. матолиби нуҷумиро ба назми арабӣ кашидааст, ки он бо номи «Урҷузат Абдураҳмон» ё «Урҷуза фи-л-фалак» маъруф аст. Тадқиқоти А. С. ба эҷодиёти мактаби мунаҷҷимию географии Берунӣ, Закариёи Қазвинӣ, Насируддини Тусӣ ва диг. таъсири бузург расондааст.

Ос.: «Китоб сувар-ул-кавакиб ас-сабита» (ба забони арабӣ ва тарҷумаи франсавӣ), С.-Пб., 1874); Тарҷумаи «Китоб сувар ул-кавокиб ас-собита» бо қалами Насируддини Тӯсӣ, бо тасҳеҳи Муизиддини Мадхавӣ, Т., 1973.

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр., соч., т.

4, М. – Л., 1957; Мамедбейли Г. Д., Основатель Марагинской обсерватории Насэриддин Туси, Баку, 1961. *Ю. Малсев, А. Комилӣ.*

АБДУРРАҲМО́НИ ТАНБӮРИ́И САМАРҚАНДӢ (с. тав. ва вафот номаълум), оҳангсоз, сароянда ва навозандаи машҳури тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Самарқанд. Бино ба ахбори «Рисола дар баёни «Шашмақом» (1896) санъати овозхонию сознавозиро аввал дар зодгоҳаш фаро гирифта, барои такмили ҳунар ба Бухоро рафтааст. Дар он ҷо бо Қорӣ Каромати Дилкаш, Аҳмади Дониш ва диг. аз наздик шинос шуда, дар муддати кӯтоҳ асосҳои илмию амалии мақомҳо, алалхусус танбӯрнавозиро меомӯзад. Тамоми нозукиҳои «Шашмақом», аз ҷумла «Мушкилот» ва қисмати «Наср»-и онро хуб медонистааст. А. чун навозанда ва сарояндаи соҳибистеъдод аз мақоми «Бузург» шохаҳои «Таснифи Бузург», «Тарҷеи Бузург», «Гардуни Бузург», «Мухаммаси Насруллоҳӣ», «Сақили ислимӣ», «Сақили Султонӣ», аз мақоми «Рост» – «Таснифоти Рост», «Гардуни Рост», «Мухаммаси Рост»; «Мухаммаси Ушшоқ», «Мухаммаси Панҷгоҳ»; аз мақоми «Наво» – «Таснифи Наво», «Тарҷеи Наво», «Гардуни Наво», «Нағмаи Ораз», «Мухаммаси Наво», «Сақили Наво», аз мақоми «Дугоҳ» – «Таснифи Дугоҳ», «Тарҷеи Дугоҳ», «Гардуни Дугоҳ», «Пешрав», «Самоии Дугоҳ», «Мухаммаси Дугоҳ», мақомҳои «Сегоҳ», «Ироқ» ва бисёр оҳангҳои халқиро бо маҳорати тамом менавохтааст. А. инчунин дар асоси зарбу навои мақомҳо асарҳои созию овозӣ таснифкардааст, ки аз байни онҳо махсусан «Савти танбӯр», «Амали Баҳор», «Мухаммаси Абдурраҳмон» маъмулу машҳур будаанд.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

АБДУРРАҲМО́НИ ӮРОТЕППАӢ (с. тав. ва вафот номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (нимаи дуюми а. 19). Дар гузари Чармгари Ӯротеппа дар оилаи Муҳаммадбой ном шахси олиму фозил ба дунё омад. Баъди дар зодгоҳаш соҳиби маълумоти ибтидоӣ гардидан, барои такмили дониш ба мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро меравад. Дар мадраса А. Ӯ. дар баробари омӯзиши илмҳои замон навиштани хатҳои кӯфӣ, риқоъ, сулс, райҳон, насх ва настаълиқро ҳамроҳи шарикдарсу ҳамдиёраш Миряқуби хаттот машқ мекард. Сипас дар андак муддат А. Ӯ. дар хаттотӣ шӯҳрат ёфта, қитъаҳои ҷудогона ва асарҳои муқаммалро китобат менамуд. Хусусан, девони Мавлоно Шоҳмуҳаммад Саломатуллоҳи Кашфии Минавиро хеле зебову хоно китобат кардааст. Ин китоб дар китобхонаи шахсии Файзуллоев Б. маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АБДУРРАҲМО́НИ ХОРАЗМӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1462), хаттот ва хушнависи форс-тоҷик (а. 15). Яке аз устодони маъруф ва муваффақи хати настаълиқ. Бештари умраш дар Шероз ва Бағдод гузаштааст. Чанде ҳамроҳи писараш Абдурраҳим дар дарбори Яъқуб ибни Ҳасан Оққуюнлу (ҳукмр. 1478 – 90) хидмат кардааст. Аз рӯйи яке аз дастхатҳои дар Музейи осори турк ва ислом (Истанбул) маҳфузбудаи А. Х. маълум мешавад, ки ӯ с-ҳои 50 а. 15 дар дарбори ҳокими Шероз Пир Будоқ ибни Ҷаҳоншоҳи Қароқуюнлу низ хаттотӣ кардааст. Бино ба маълумоти муҳаққиқон А. Х. китобатро с. 1436 оғоз намуда, охирин намунаи осори дастрасшудаи ӯ ба с. 1462 тааллуқ дорад. Сабк ва услуби хати настаълиқ, ки А. Х. истифода бурдааст, асосан дар Шероз паҳн шуда, сипас аз ҷониби диг. хаттотон идома ёфтааст. Таъсири сабки А. Х. ба ҳунари хаттотӣ ва хушнависии Эрон то ба ҳадде будааст, ки ҳатто дар замони ташаккули мактаби нави настаълиқнависон дар Ҳирот ва шаҳрҳои дигари Хуросони он рӯзгор услуби А. Х. ҳамчун хати намуна ҳифз шудааст. Бино ба ақидаи Қозӣ Аҳмад («Гулистони ҳунар») А. Х. дар Шероз устоди ягона ва беназири хати настаълиқ будааст. Сабк ва услуби хаттотии А. Х. ба инкишофи ҳунари настаълиқнависии Шероз ва Ҳирот таъсири босазое гузоштааст.

Ад.: Қази Ахмед, Трактат о калиграфах и художниках, М.-Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988; Ашрафӣ М., Миниатюра: От Бехзода до Ризай-и Аббаси, Д., 2011. *Л. Бойматов.*

АБДУРРАҲМО́НИ ҶОМӢ ниг. *Ҷомӣ.*

АБДУРРАҲМОНХО́Н (1844 – 1. 10. 1901), амири Афғонистон (1880 – 1901), набераи амир Дӯстмуҳаммадхон. Солҳои 60 а. 19 ҳокими Тошқӯрғон буд. Барои тоҷу тахти Кобул бо амакзодаи худ Шералихон мубориза бурд. Соли 1869 шикаст хӯрда, ба Самарқанд омад ва ёздаҳ сол истиқомат намуд. Баъди ҷанги дуюми байни Англия ва Афғонистон ба ватанаш баргашт, бо ёрии сардорон ва пешвоёни лашкари халқӣ с. 1880 соҳиби салтанати Кобул гардид. Дар аҳди А. дар Кобул зарробхона, матбаа ва корхонаи калони саноатии «мошинахона» сохта шуд, ки аз тиру тӯпу аслиҳа то либосу афзори қувваҳои низомиро истеҳсол менамуд. Тамоми мансабҳои ҳарбӣ ва раиятӣ ба ӯҳдаи сардорон ва маликҳои қабилаҳои афғон вогузор шуда, халққои ғайриафғон – тоҷикҳо, ҳазораҳо, ӯзбекҳо ва ғ. ҷабру ситами беандоза мекашиданд ва бори вазнини сарфу харҷҳои бепоёни феодалӣ ба зиммаи онҳо буд. Даромади хазинаи амир аз ҳисоби маҳсули дастранҷи заҳматкашон аз 1, 5 курур (1 курур = 10 млн) ба 7 курур рупия расид. Ба муқобили зулму бедодгариҳои феодалӣ дар байни ғилзоиҳо, вардакҳо, ҳазораҳо, бадахшониҳо, фирӯзкӯҳиҳо, балучҳо ва ғ. борҳо шӯру ошӯбҳои халқӣ ба амал омад. Ӯ унвони фахрии «Зиёи миллату дин»-ро гирифт, лекин халқ ӯро «амири сиёҳ» меномид. Сиёсати хориҷии А. таҳти назорати ҳукумати Англия қарор гирифт. А. шартномаи нангини Гандумак ва «Хати Дюранд»-ро тасдиқ намуд, сарнавишти миллионҳо паштунҳои сарҳадоти шим. ғарбии Ҳиндустонро ба дасти англисҳо супурд ва гунаҳкори бавуҷуд омадани масъалаи Паштунистон гардид. А. дар натиҷаи сӯиқасди дарбориён кушта шуд. *Ҳ. Назаров.*

АБДУРРАШӢД ибни Маҳмуд (с. тав. номаълум – ваф. 1058), амири Ғазнавиён (1050 –1058). Фармондеҳи сипоҳи Султон Масъуд буд. Рақибони аслии Ғазнавиён дар замони ҳукумати А. дар Ғарб *салҷуқиён* ва дар Шарқ *қарохониён* буданд. Солҳои ҳукумати А. ба ҷанг бо салҷуқиён барои тасарруфи Систон ва манотиқи ғарби Афғонистон гузашт. Сиёсати хориҷии А. муваффақомез набуд, бинобар он нуфузи ғазнавиён дар Хуросон ва ҷанубии Мовароуннаҳр сахт коҳиш ёфт. Дар манбаъҳои таърихӣ А.-ро подшоҳи истибдодгар ва дар бархе аз онҳо фозилу хирадманд васф кардаанд. Дар сиккаҳояш бо лақабҳои «Изуддавла» нақш шуда, ҳамзамононаш бар ӯ номҳои «Шамсуддавла», «Ҷамолуддавла», «Мазоҳири халифатуллоҳ»-ро гузошта буданд. Тибқи ривояти таърихӣ аз тарафи ғуломи турке бо номи Туғрул с. 1058 кушта шудааст. *Л. Бойматов.*

АБДУРРАШӢДИ ТАТТАВӢ Сайид Абдуррашид ибни Абдулғафур ал-Ҳусайнӣ ал-Маданӣ ат-Таттавӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), луғатнависи форсизабони нимҷаз. Ҳинду Покистон (а. 17). Дар ш. Таттаи иёлоти Синди Покистон таваллуд ёфта ба камол расидааст. А. Т. замони салтанати Шоҳиҷаҳон (ҳукмр. 1627 – 58) ҳаёт ба сар бурдааст. Ба қалами А. Т.

ду фарҳанги тафсирии забони арабӣ: «Мунтахаб-ул-луғот» (1635), «Рисолаи муарработ» ва луғати машҳури тафсирии форсӣ бо номи «Фарҳанги Рашидӣ» (1652 – 53) тааллуқ доранд. «Фарҳанги Рашидӣ»-и А. Т. ба андешаи муаллифону муҳаққиқони соҳа яке аз беҳтарин фарҳангҳои тафсирӣ мебошад. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Анҷуманорои Носирӣ» ва Муҳаммад Муин дар чопи интиқодии «Бурҳони қотеъ» «Фарҳанги Рашидӣ»-и А. Т.-ро мавриди истифода қарор додаанд. «Мунтахаб-ул-луғот»-и А. Т. бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров с. 2003 аз тарафи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик дар Душанбе ба табъ расид.

Ос.: Фарҳанги Рашидӣ, бо замимаи «Рисолаи муарработ», ба тасҳеҳи Муҳаммад Аббосӣ, ч-ҳои I – II, Т., 1337 ҳ. ш.

Ад.: Шаҳриёри Нақавӣ, Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон, Т., 1341 ҳ. ш.

А. Алимардонов.

АБДУРРОФЕ́И ҲИРАВӢ Зиёуддин ибни Абулфатҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Шахси таҳсилдида, «дар улуми ақлияву адабия ва тиббу луғат» (Забеҳуллоҳи Сафо) беҳамто будааст. Пас аз касби камол нахуст дар дарбори Ғазнавиён (Хусравмалики Ғазнавӣ, ҳукмр. 1159 – 87), баъдтар дар даргоҳи Муҳаммад ибни Соми Ғурӣ (ваф. 1203) хидмат кардааст. Аз осораш ғазалҳо, порчаҳои манзум дар тазкираҳо боқӣ мондаанд, ки равону дилкашанд ва гувоҳи табъи баланду сухандонии ӯянд. Рисолаи манзуме бо номи «Ҷалолия» дар тафсири Наврӯз аз таълифоти ӯст. Намунае аз ашъораш:

Эй дил, биёр мужда, ки ҷонон ҳамерасад
В-эй дида, ҷой соз, ки меҳмон ҳамерасад.
В-эй тан, агарчи кори ту аз ғам ба ҷон расид,
Ҷонро фирист пеш, ки ҷонон ҳамерасад.
Кори нишоту лаҳв зи сар тоза кун кунун,
Чун ранҷҳои ҳаҷр ба поён ҳамерасад.
Айёми дарду меҳнату шиддат ҳама гузашт,
Ҳангоми рӯҳу роҳату дармон ҳамерасад…

Ад.: Забеҳулло Сафо, Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ. 2, Т., 1336 ҳ. ш.

АБДУСАЛО́М АЛ-МУБОРАКПӮР, Абулҳуда Муҳаммад Абдусалом Ибн-аш-Шайхон Муҳаммад Муборакпур (1872 –1924, ҷойи тав. ва ваф. номаълум), муҳаддис ва муаррих. Аз оилаи зиёиёни тақводор. Қуръони карим, ҳадиси набавӣ, тафсир, фиқҳ, таърих, ҳикмат ва илми тибро ба қадри замони худ хеле хуб омӯхтааст. А. 22 соли ҳаёташро ба омӯзгорӣ бахшид; аз мадрасаи ибтидоӣ сар карда то мадориси олӣ дарс гуфтааст. Дар солҳои охири ҳаёт мударриси Донишгоҳи


Абдусаломов А.


Абдусаломов И.


Абдусаломова М.


Абдусаломова Р.

«Дор-ул-ҳадис-ар-раҳмония» буд. Доир ба ислом ва таърих асарҳои бисёре эҷод кардааст. Аз ҷумлаи онҳо «Сират-ул-Имом-ал-Бухорӣ» дар олами ислом хеле машҳур буда, дар он доир ба асарҳои илми ҳадис ва муҳаддисон хеле батафсил ва мукаммал маълумот дода шудааст. Ин асар дар Банорас ду маротиба (1955 ва 1986) ба табъ расидааст.

АБДУСАЛО́МОВ Абдуҷалил (тав. 17. 11. 1936, деҳаи Қӯштегирмони ноҳ. Нов), генерал-майори адлия, мушовири давлатии адлияи дараҷаи III (1980). Ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1980). Хатмкардаи фак-ти ҳуқуқшиносии УДТ (1962). Солҳои 1962 – 64 прокурори шӯъбаи назорати умумии Прокуратураи РСС Тоҷ., 1964 – 71 нозири шӯъбаи мақомоти маъмурии КМ ПК Тоҷикистон, 1971 – 77 прокурори ноҳ. Хуҷанд, 1977 – 87 прокурори вил. Қӯрғонтеппа, 1987 – 96 прокурори ш. Турсунзода, 1966 – 98 прокурори ноҳ. Ҷаббор Расулов, 1998 – 2000 прокурори ш. Исфара. Аз с. 2000 нафақагири шахсӣ. Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ», Шараф (дараҷаи II) ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии СССР сарфароз гардидааст.

АБДУСАЛО́МОВ Ислом Абдураҳмонович (тав. 13. 2. 1929, Самарқанд), парандашинос, доктори илмҳои биология (1972), проф. (1983), акад. АИ ҶТ (1997), Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1996). Хатмкардаи фак-ти биологияю хокшиносии Ун-ти давлатии Ӯзбекистон (1950). Ассистенти кафедраи зоологияи мӯҳрадорони фак-ти биологияи ҳамин донишгоҳ дар ш. Самарқанд (1950 – 54), аспирант (1954 – 63), ҷонишини директор (1963 – 67), директор (1967 – 72 ва 1986 – 92)-и Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи АИ ҶТ. Аз с. 1992 директори фахрии ҳамин институт. А. мутахассиси варзидаи соҳаи зоология, орнитология, муҳофизати олами ҳайвонот ва захираҳои табиӣ мебошад. Оид ба фауна ва экологияи парандаҳои водии Зарафшон, Помир, Бадахшон, Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ маводи сершумор ба даст овардааст. Яке аз самтҳои асосии пажӯҳишҳои А. кӯчи парандагон мебошад. Ӯ муқаррар намуд, ки роҳи парандаҳои кӯчӣ ба Тоҷикистон ду самти асосиро ба ҳам алоқаманд месозад: 1) минтақаи Сибири Ғарбӣ – Африкаи Марказию Шарқӣ, нимҷаз. Арабистон; 2) мамолики Осиёи Ҷанубӣ – Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон. Бо ташаббус ва иштироки бевоситаи А. «Китоби сурхи Тоҷикистон» (1988, 1997) ба табъ расидааст, ки 226 намуди растаниҳои камёфт, 58 намуди ҳайвоноти бемӯҳра ва 104 намуди ҷонварони мӯҳрадорро дар бар мегирад. Зери роҳбарии А. с-ҳои 1958 – 62 Экспедитсияи зоологии Зарафшон ташкил карда шуд, ки дар таҳқиқи олами ҳайвоноти водӣ саҳми назаррас гузошт. Саҳми А. дар кори васеъ намудани ареали холгул низ арзанда аст. Соли 1961 бо ташаббуси ӯ аз мамнӯъгоҳи «Полвонтуғай» ба мамнӯъгоҳи «Ромит» 12 сар оҳу бурданд, ки феълан саршумори онҳо хеле афзудааст. А. исбот кард, ки холгул дар баландиҳои 1100 – 2300 м аз с. б. низ метавонад зиндагӣ кунад. Як силсила тадқиқоти А. ба парвариши зиёд намудани кубро ва гурза дар шароити ғайритабиӣ бахшида шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот барои истеҳсоли заҳри ин морҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. А. асосгузори орнитологияи авиатсионӣ дар Тоҷикистон мебошад. Бо тавсияи ӯ дар фурудгоҳҳои байналхалқии Душанбе ва Хуҷанд умури орнитологӣ ташкил карда шудааст, ки барҳӯрди парандагонро бо тайёраҳо пешгирӣ мекунад. А. муаллифи 350 асари илмӣ, аз ҷумла 7 монография аст. Дар бисёр конференсияҳои байналмилалӣ (Гаага, Париж, Мюнхен ва г.) иштирок ва маърӯза намудааст. Зери роҳбарии ӯ 2 нафар рисолаи докторӣ ва 16 нафар рисолаи номзади илмро ҳимоя кардаанд. Бо ордени Шараф (дараҷаи I) ва медалҳо сарфароз гаштааст.

Ос.: Птицы долины озера Ранг-Куль на Памире, Д., 1961; Птицы горного Зеравшана, Д.,

1964; Фауна Таджикской ССР. Птицы, т. 19, ч. 1 – 3, Д., 1971 – 73 – 77. *А. Саидов.*

АБДУСАЛО́МОВА Мақсуда Неъматовна (тав. 20. 12. 1938, Самарқанд), химик, доктори илмҳои химия (1988), проф. (1990), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1997). Хатмкардаи Ин-ти олии технологии ш. Ленинград (1959). Лаборанти калони Ин-ти химияи АИ РСС Тоҷ. (1960 – 61), аспиранти Ин-ти металлургияи АИ СССР (1961 – 64), мудири бахш (1965 – 76) ва мудири лабораторияи пайвастҳои нимноқили (1976 – 98) Ин-ти химияи АИ ҶТ. Аз с. 1998 ходими калони илмии ҳамин институт. Рӯҷеъ ба хусусияти пайвастҳои мушкилгудоз ва корбасти онҳо дар таҳияи элементҳои гуногун ва металлҳои пластикӣ, муайян намудани қонуниятҳои барқарории диаграммаҳои фазавӣ, алоқамандии пайвастҳои электронии элементҳо, хусусан антимонидҳо ва висмутидҳо, дарёфти технологияи синтези пайвастҳои нави нимноқилӣ ва ғ. тадқиқот анҷом додааст. Мақолаҳои илмиаш дар мамолики хориҷӣ низ ба табъ расидаанд.

Ос.: Антимониды, Д., 1977; Висмутиды, Д., 1978; Антимониды и висмутиды редкоземельных элементов, Д., 1978; Гендер и техника, Д., 2005; Преподаватель гендера на технических и естественных факультетах университетов, Д., 2005.

АБДУСАЛО́МОВА Рафоат (тав. 10. 3. 1939, Ҷамоати деҳоти Пӯлодони ноҳ. Конибодом), аввалин наттоқи телевизиони тоҷик, Корманди хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон (1989). Хатмкардаи УДТ (1963). 3 окт. 1959 нахустин барномаи санҷишии телевизиони Тоҷикистонро ба забони тоҷикӣ ба тамошобинон пешкаш намуд. Аз с. 1961 (45 сол) дар телевизиони тоҷик ба ҳайси наттоқ, муҳаррир, мудири шӯъба, сармуҳаррир ва котиби масъули иттиҳодияҳои эҷодӣ кор карда, баҳри рушду камоли телевизиони тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Барномаҳои телевизионии «Дугонаҳо» (с-ҳои 1970 – 85 доиман пахш гаштааст), «Гулдаста», «Ватан ва фарзандон», «Муҳаббат ва оила», «Гулдухтарон», «Дилафрӯз» ва ғ., ки миёни тамошобинон маҳбубият дошт, маҳсули эҷоди ӯст. А. барандаи барномаҳои хоса барои телевизиони Москва ва диг. ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., нишони сариснагии «Аълочии телевизион ва радиои СССР» сарфароз гардидааст.

Ос.: Телевизион – оинаи зиндагӣ, Д., 2002; Наттоқ чеҳраи телевизион, Д., 2008.

АБДУСАМА́Д, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саразми ноҳ. Панҷакенти вил. Суғд. Аз деҳа то маркази ноҳия 12 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 1366 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзаваткорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АБДУСАМАДБЕ́КИ ҲОФИЗ (1868, Бухоро – 1918, ҳамон ҷо), ҳофиз, мусиқидон, хушнавис ва мусаввири тоҷик (ох. а. 19 – ибт. а. 20). А. Ҳ. асосҳои илмӣ, назарӣ ва амалии мусиқиро аз Қорӣ Каромати Дилкаши Танбӯрӣ, Ҳомидхоҷаи Савтӣ ва тарзу услуби иҷрои сурудҳои халқиро аз Устод Тӯла, Устод Эргаш ва дастаи созандагону маврихонон омӯхтааст. Ӯ махсусан дар иҷрои қисматҳои созиву овозии «Шашмақом» маҳорати том зоҳир намудааст. Қисмҳои мураккаби «Савт», «Намуд», «Талқин» ва «Тарона»-ҳоро ба сабки тоза иҷро мекард, ки ба ин муносибат аҳли мусиқӣ ӯро «Абдуссамадбеки Савтӣ» ном ниҳодаанд. А. Ҳ. аз «Шашмақом» «Муғулчаи Дугоҳ», «Дугоҳ», «Баёт», «Савти Сарвиноз», «Уфари Ороми ҷон», «Ироқи Бухоро», «Сақили Султон» ва шӯъбаи мураккаби созиву овозии «Бузург»-ро ниҳоят моҳирона иҷро мекардааст. Сарояндагони машҳури тоҷик (махсусан Домулло Ҳалим, Шодӣ Азизов, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов) аз сабки ӯ истифода кардаанд.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

АБДУСАМА́ДИ БАДАХШӢ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1490, Кӯҳистон), шоири форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш – Бадахшони Афғонистон ва Ҳирот таҳсил кардааст. Хаттотиро низ омӯхт. Султон Абусаид с-ҳои 50 а. 15 Бадахшонро забт карда, А. Б.-ро ба Ҳирот овард ва супориш дод, ки таърихи салтанатро дар китобе мураттабу танзим кунад. Дар тазкираҳои «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар хусуси ҳунару маҳорати шоирии А. Б. сухан рафтааст. Нисорӣ ашъори ошиқонаи ӯро таърифу тавсиф кардааст. Намунаҳо аз нигоштаҳои А. Б. ба воситаи тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. Ин байт аз ӯст:

Бар сарири дилбарӣ маъшуқро сад гуна ноз,
Ошиқи бечораро дар кӯи ғам рӯи ниёз.

А. Б. бо Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ наздикӣ дошт.

Ад.: Алишери Навоӣ, Маҷолис-ун-нафоис, Тошкент, 1961. *А. Афсаҳзод.*

АБДУСАМА́ДОВ Ғаниҷон Самадович (тав. 5. 6. 1947, Ленинобод), иқтисоддон, доктори илми иқтисод (1996), проф. (1997).



Хатмкардаи Ин-ти савдои советии ба номи Ф. Энгелси Ленинград (1971). Солҳои 1971 – 73 сармуҳандис-технологи калони Раёсати савдои вил. Ленинобод (ҳоло вил. Суғд), 1973 – 74 хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР, 1974 – 77 ассистенти кафедраи иқтисоди сиёсии Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод, 1977 – 81 аспиранти кафедраи иқтисоди сиёсии фак-ти иқтисодии УДТ, 1981 – 82 муаллими кафедраи иқтисоди сиёсии Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод, 1982 – 90 лектор, мудири шӯъбаҳои илм ва муассисаҳои таълимӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Комитети вилоятии Ҳизби коммунистӣ, 1990 – 92 муовини Раиси депутатҳои халқии вил. Ленинобод, 1992 – 96 дотсент ва ходими калони илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, 1966 – 2000 мудири кафедраи «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ»-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ), 2000 – 01 проф. кафедраи «Иқтисодиёт ва менеҷмент», 2001 – 08 мудири кафедраи «Назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ» ва 2008 – 09 муовини проректор оид ба таълими Комплекси ягонаи таълимии дар ш. Хуҷанд будаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Аз сент. 2009 декани фак-ти Технологияи компютерӣ ва ҳисобгирии ДДҲБСТ. Оид ба масъалаҳои барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон беш аз сад асару мақола навиштааст. Ҳамаи тадқиқоти илмиаш ба ташаккул ва тараққии муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аълочии маорифи халқи ҶТ, Аълочии кооператсияи матлуботи ҶТ, Корманди шоистаи кооператсияи матлуботи ҶТ, дорандаи Ҷоизаи ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров (1999).

Ос.: Таджикистан и рынок, Д., 1994; Закономерности становления и развития рыночных отношений в Республике Таджикистан, Д., 1995; Развитие предпринимательства за рубежом, Х., 1999; Переход к рынку, Д., 1999; Асосҳои иқтисодиёт, Х., 2006. *Ш. Тошева.*

АБДУСАТТО́Р НАЗА́РОВ, деҳа дар Ҷамоати деҳоти Гулхонаи ноҳ.

Ҷаббор Расулови вил. Суғд. Аз А. то маркази ноҳия 4 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 759 нафар (2009), тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо ва қирғизҳо зиндагонӣ мекунанд. Деҳа бунгоҳи тиббӣ, нуқтаи савдои хусусӣ ва чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз Шабакаи обёрии Хоҷабоқирғон обёрӣ мешаванд.

АБДУСАТТО́РИ АБДУҶАББО́Р (Ҷабборов), (тав. 24. 2. 1948, Панҷакент), арбоби давлатӣ, иқтисоддон, доктори илмҳои иқтисодӣ (2001), проф. (2008), академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ (2011), Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1976) ва Мактаби олии Ҳизбии коммунистӣ дар ш. Тошкент (1986). Сармуҳандиси идораи кишоварзӣ (1974 – 75), мудири шӯъбаи саноату нақлиёти Комитети Ҳизби коммунистӣ (1977 – 1981), раиси Комитети назорати халқӣ, муовин ва раиси Комитети иҷроияи Совети депутатҳои халқи ш. Панҷакент (1986 – 1990), даъвати 12 (1990 – 95), раиси Комиссия оид ба масъалаҳои кори шӯроҳои вакилони халқ ва худидораи маҳаллии Шӯрои Олии ҶТ (1990 – 92), аввалин Мушовири давлатии Президенти ҶТ (1992), Вазири таъминоти иҷтимоии ҶТ (1992 – 94), Вазири ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ (1994 – 2005). Аз с. 2005 раиси Фонди ғайридавлатии нафақаи «Оянда». А. А. бо фаъолияти педагогӣ ва илмӣ низ машғул аст: проф. кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (аз с. 2005), ҷонишини раиси Шӯрои диссертатсионии комиссияи аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар назди Ин-ти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ ва узви Шӯрои диссертатсионии комиссияи аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (аз с. 2005). Ӯ яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва аз ҷорикунандагони илми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Муаллифи 18 рисола ва 115 мақолаи илмию оммавӣ оид ба масъалаҳои мухталифи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ. Иштирокдори симпозиуму семинарҳои байналхалқӣ дар Бостон, Брюссел, Вена, Манила, Полша, Ҳиндустон, Туркия, Эрон, Чехия, Словакия, Булғория ва як қатор давлатҳои узви ИДМ. Депутати Шӯрои Олии ҶТ (даъвати 12), вакили Маҷлиси намояндагони Шӯрои Олии ҶТ (даъвати 2). Бо нишонҳои «Аълочии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон», медали ҷашнии 10-солагии Иттилосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ, Ҷоизаи байналхалқии ба номи Анри Дюнан (Женева, 1998) сарфароз гардидааст. Узви ИЖ Тоҷикистон аз с. 1996.



А. Абдуҷаббор.



Абдуфатоев Т.

Ос.: Ташаккул ва инкишофи ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, Д., 1996; Асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоии ҳифзи нафақахӯрон ва роҳҳои инкишофи шаклҳои хизматрасонӣ ба онҳо, Д., 1996; Ташаккул ва инкишофи ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, Д., 1999; То ба хулқат ҷаҳон орой, Д., 1999; Предпосылки и экономические основы социальной защиты населения в условиях становления рыночных отношений, Д., 1999; Социальная защита населения, Д., 2003; Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Д.,2009; Микрофинансирование, Д., 2010; Асосҳои маблағгузории хурд, Д., 2010. *Ш. Тошева.*

АБДУССАЛО́М (29. 1. 1926, Ҷанг, Покистон – 21. 11. 1996, Оксфорд, Британияи Кабир), физик-назариётчии покистонӣ, дорандаи мукофоти Нобел (1979). Соли 1946 Коллеҷи давлатии Донишгоҳи Панҷобро дар Лоҳур хатм намуда, ба Донишгоҳи Кембриҷи Англия дохил мешавад. Соли 1949 рисолаи магистрӣ ва с. 1952 рисолаи докториро аз фанни электродинамикаи квантӣ ҳимоя кардааст. Солҳои 1951 – 54 проф. математикаи Коллеҷи давлатии Покистон, 1954 – 57 муаллими математикаи Донишгоҳи Кембриҷ, 1957 – 61 проф. кафедраи физикаи назариявии Коллеҷи империявии Лондон, 1961 – 64 мушовири Президенти Покистон оид ба илм, 1964 – 93 директори Маркази байналхалқии физикаи назариявӣ дар Триест (Италия), ҳамзамон с-ҳои 1964 – 75 узв ва 1971 – 72 раиси Кумитаи машваратии СММ оид ба илм ва техника буд. Аз миёнаи с. 1950 А. оид ба назарияи умумии таъсирҳои фундаменталӣ кор карда, дар муттаҳид сохтани назарияи электромагнетизм бо таъсироти зӯр ва суст кӯшиш намудааст. А. назарияи инвариантнокии Ш. Глэшоуро истифода намуда, с. 1968 (новобаста ба С. Вайнберг) назарияеро созмон дод, ки он таъсироти суст ва электромагнитиро ба як таъсирот муттаҳид мекунад. А. нишон дод, ки барандагони таъсироти суст заррaҳои зарядноки W+, W– ва заррачаи нейтралии Z^0 ҳастанд. А. барои ин асараш с. 1979 ҳамроҳи С. Вайнберг ва Ш. Глешоу сазовори мукофоти Нобелӣ гардид. А. инчунин бо мукофоти «Атом баҳри сулҳ» (1968), медалҳои «Максвелл»-и ҷамъияти физикии Лондон (1961), «Хюз» (1964), медали шоҳии Ҷамъияти шоҳии Лондон (1978), медали тиллои Ломоносови АИ СССР (1983) ва бисёр мукофотҳои дигар сарфароз гардидааст. А. узви академияҳои илмии бисёр давлатҳо, аз он ҷумла узви хориҷии АИ СССР буд.

АБДУФАТО́ЕВ Тӯйчӣ (тав. 17. 9. 1954, деҳаи Чолотаи ноҳ. Мастчоҳ), ҷарроҳи кӯдакон, доктори илмҳои тиб (1998), проф. (2000). Хатмкардаи фак-ти педиатрии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1977). Интерни шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакони Беморхонаи клиникии Хуҷанд (1977 – 78), ҷарроҳи кӯдакон ва мудири шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакони беморхонаи марказии ноҳ. Мастчоҳ (1978 – 86), аспиранти кафедраи ҷарроҳии кӯдакони ИДТТ (1986 – 89), мудири шӯъбаи бемориҳои қафаси синаи Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии № 3 (1989 – 94). Аз с. 1994 мудири кафедраи ҷарроҳӣ, анестезиология ва реаниматологияи Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Тоҷикистон. Бо ташаббуси А. дар клиника усулҳои нави ҷарроҳии шуш, сурхрӯда, ҷигар ва роҳҳои талхадон, ҷарроҳии тармимӣ бо техникаи микрохирургӣ дар амал татбиқ карда шудааст. Муаллифи 210 мақолаи илмӣ, 46 пешниҳоди беҳсозӣ ва 10 пешниҳоди методӣ мебошад. Таҳти роҳбарии А. 2 нафар рисолаи докторӣ ва 15 нафар рисолаи номзадии илмро дифоъ намудаанд. Узви ҳақиқии Ассотсиатсияи байналмилалии ҷарроҳон – гепатологҳо (аз 1997), узви хадамоти Ассотсиатсияи ҷарроҳони кӯдакони Федератсияи Россия (аз 2004).

Ос.: Оризаҳои нефролитиаз дар кӯдакон, Д., 1998; Проблемаҳои актуалии ҷарроҳии кӯдакон, иншоршиносӣ ва таҳдиромӯзӣ, Д., 2001; Ҳуқуқи кӯдак барои муолиҷаи ҷарроҳӣ ва проблемаҳои актуалии ҷарроҳии кӯдакон, иншоршиносӣ ва таҳдиромӯзӣ, Д., 2004; Проблемаи перитонит дар кӯдакон, Х., 2006.

АБДУХОЛИҚӢ, навъе аз зардолуҳои маҳаллӣ. Дарахташ зудсабз (7 – 11 м қад мекашад), сершоху барг (қутри пояш 130 см), навдаҳояш ғафси сурхча. Баргаш дилшакли нӯгтез, дандонадор, сабзи баланд. Авв. апр.

гул карда, мевааш ох. июл мепазад. Мевааш калон-калон (вазнаш андаряк 40 – 45 г), байзашакл, зарди кушод (тобиши сурхча дорад), пӯсташ нафису пашмакдор, гӯшташ хамираки сершира ва хуштамъ; донакаш калон, паҳн, пурра, мағзаш ширин. Дарахташ дарозумр буда, 90 – 110 сол месабзад. Аз як бехи 95-солааш 68 кг мева ғундоштан мумкин аст. Ҳосилашро тар мехӯранд, мехушконанд ва *аштак* мекунанд. Дар вақти тайёр кардани аштак донаки зардолуро аз тарафи думчааш бароварда, ба ҷояш мағзи бирён ҷой мекунанд ва ба ресмон ҳамел карда мехушконанд (45 – 47% ғӯлинг ва 27 – 28 % аштак ҳосил мешавад). А. дар заминҳои санглоху нишебиҳо хуб месабзад. Асосан дар деҳаи Оббурдани ноҳ. Кӯҳистони Мастчоҳ мерӯяд. Дарахтони ҷудогонаашро дар деҳаҳои Реомутк ва Пастиғав низ дучор омадан мумкин. Дарахташ ба сармо ва камобӣ тобовар аст. Бештар аз ҳашарот ва касалиҳои занбӯруғӣ зарар мебинад.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935; Костина К. Ф., Абрикос, М., 1936.

Ф. Ӯрунов.

АБДУҶАББОР ибни Абдурраҳмон (с. тав. номаълум – ваф. 761, Бағдод), волӣ ва омили Хуросон (757 – 759), роҳбари бонуфузи шӯришчиёни зидди хилофат, дӯсти вафодори Абумуслими Хуросонӣ ва ёрдамчии Муқаннаъ. Пас аз марги Абумуслим (замони шӯриши Устоз Сияс), А. Муқаннаъро ёрдамчии худ интихоб кард. Аз халифа Мансур ислоҳи сиёсати молиётии ҳукуматро дар Хуросон дархост намуд. Вақте ки натиҷае ҳосил нашуд, худи А. алайҳи хилофати Аббосиён бо парчами сафед қиём кард, пас аз он амалан мустақил гашт. Дар ин шӯришҳо А. ва Муқаннаъ ҳамдаст буданд. Дар кӯтоҳтарин замон қиёми А. густариш ёфт. Халифа Мансур аввалан писараш Маҳдиро бо лашкари бисёре ба Хуросон равона кард ва дертар худаш расида омад. Шӯриш бераҳмона саркӯб шуд. А. аз Хуросон фирор кард, вале ӯро дастгир намуда, назди халифа Мансур фиристоданд. А.-ро бо фармони халифа бо гурӯҳе аз тарафдоронаш ба дор кашиданд, хонаводаашро ба Яман бадарға намуданд. Қиёми А., бешубҳа, яке аз бахшҳои муҳими силсилаи наҳзатҳои озодихоҳии мардуми Хуросон алайҳи аъроб ва хилофат мебошад. Баъзе аз муаллифон навиштаанд, ки А. қоидаву қонунҳои сафедҷомагонро эътироф мекардааст. Ниг. низ *Муқаннаъ*.



А. Абдусаттор.



Абдушукурова Т.

АБДУШУКӮРИ АБДУСАТТӮР (тахалл. Беҳрӯз; тав. 28. 4. 1954, Конибодом), адабиётшинос, мунаққиди тоҷик, доктори илмҳои филология (2003). Фак-ти шарқшиносии УДТ (шӯъбаи забони арабӣ)-ро хатм кардааст (1976). Муаллими мактаби миёна (1976 – 79), муҳаррир дар Маркази илмӣ-методии эҷодиёти халқ ва корҳои маданӣ-маърифатӣ (1979 – 89), аспиранти УДТ (1989 – 92), омӯзгори кафедраи таърихи адабиёти классикии фак-ти филологияи УДТ (1992), корманди илмии маҷаллаи «Адаб» (1992 – 94), мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ (2007 – 09) ва аз дек. 2009 мудири кафедраи филологияи тоҷики Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон. Муаллифи зиёда аз 300 мақола ва рисолаҳои илмӣ-оммавӣ оид ба масъалаҳои адабиёти гузашта ва муосири тоҷик: «Фазоили Қуръон» (1992), «Рӯъяти Қуръон дар шеър» (1997), «Талмеҳ дар шеъри аҳди Сомониён» (1998), «Шоирони аҳди Сомониён» (1999; ҳамроҳи Х. Шарифов), «Қиссаи подшоҳони Сомонӣ» (1999; ҳамроҳи Х. Шарифов), «Ҷилои ситораҳо» (2000; ҳамроҳи Х. Шарифов), «Арабият дар аҳди Ғазнавиён» (2002), «Робитаҳои адабии Арабу Аҷам дар асри XI» (2004). Дар таҳия ва ба чоп омода сохтани ду ҷилди аввали китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо иштирок кардааст (2001, 2006). Инчунин «Таърихи адабиёти араб» (2009) ва «Мунтахаби девон»-и Сӯзании Самарқандиро ба чоп расонидааст (2009). А. А. бо тахалл. Беҳрӯз шеър ҳам эҷод мекунад, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои «Навсафар» (1985), «Кокули бом» (1985), «Хордаста» (1987), «Сарчашмаи бадбахтиҳо» (1987), «Нешханд» (1990), «Эй нашъа балои ҷон шудастӣ» (2002) ва ғ. ба табъ расидаанд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2000.

М. Нарзиқул.

АБДУШУКӮРОВА Тамара Махсумовна (тав. 24. 8. 1940, деҳаи Шулмаки ноҳ. Ғарм (ҳоло ноҳ. Рашт), актриса ва режиссёр, Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1970), проф. (1991). Хатмкардаи Ин-ти давлатии санъати театрии ш. Москва (1960). Солҳои 1960 – 61 актрисаи Театри мазҳакаи мусиқии ш. Ленинобод, 1961 – 72 актриса ва режиссёри Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ, 1972 – 86 дотсент, мудири кафедра ва проректори ДДСТ ба номи М. Турсунзода, 1986 – 89 муовини аввали Вазири маданияти Тоҷикистон, 1989 – 90 ректори ДДСТ ба номи М. Турсунзода, 1990 – 92 Вазири маданияти Тоҷикистон, 1993 – 95 проф. ДДСТ ба номи М. Турсунзода, 1997 – 2002 проф. фак-ти санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. А. дар саҳнаи театр асосан роли занони қавиирода, тавоно ва боиффатро бо маҳорати баланд бозидааст. Беҳтарин ролҳои офаридааш: Смералдино («Шоҳ Гавазн»-и К. Готси), Варя («Ҷавоне аз шаҳри мо»-и К. Симонов), Бунафша («Деҳотӣ»-и М. Иброҳимбеков), Нозӣ («Дуэл»-и М. Байчиев), Мавҷуда («Иродаи зан»-и А. Сидқӣ) ва ғ. Чандин асари саҳнавӣ – «Никоҳи мунтахаб»-и К. Голдони, «Ёрони маҳбуб»-и А. Баҳорӣ, «Бечиҳоз»-и А. Островский, «Зангирӣ»-и Н. Гогол ва ғ.-ро таҳия намудааст. Бо медали «Барои меҳнати шоён» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

М. Ҷӯрабекова.

АБЕВА́РД, Абивард, Бовард, харобаи шаҳри қадима дар шимоли Хуросон. Дар доманаи кӯҳи Ҳазормасҷид воқеъ аст. А. дар давраи *Ашкониён* бино ёфта, таърихнигорони румии қарни аввал онро ба номҳои «Apaortemon», «Apavortene» ва «Apavorktikene» зикр кардаанд. А. дар даврони ҳукуматдории *Сосониён*, бахусус подшоҳии Яздигурди II ва Пирӯз равнақ дошта, аз марказҳои густариши масеҳият дар Хуросон маҳсуб мешуд. Ҳокимон ва фармонравоёни А.-ро қабл аз тавсеаи Ислом ба номи «Баҳман» ёд мекардаанд. Аз нимаи дуюми а. 7 А. тобеи хилофати араб гардид. Пас аз сукути *Тоҳириён* ва *Саффориён* А. тобеи давлатдории *Сомониён* шуд. Дар даврони давлатдории Сомониён амир Нӯҳ ибни Мансур А.-ро ба шоҳи Хоразм – Абуабдуллоҳ тақдим кард. Соли 1221 А.-ро муғулҳо забт карданд. Дар а. 15 ба империяи Темур ва аз с. 1593 ба ҳудуди давлати *Шайбониён* дохил буд. Аз с. 1600 тобеи *Сафавиён*. А. пас аз таъйини сарҳади Россия ва Эрон (1881) ба уезди Таҷани вил. Закаспияи Россия дохил шуд. Ох. а. 19 ба хароба таб-

дил ёфт. Ҳоло дар наздикии А. деҳаи Пештоқ вуҷуд дорад. *Л. Бойматов.*

АБЕВАРДӢ Абумузаффар Муҳаммад ибни Аҳмад (1047, Абевард – 1113, Исфаҳон), шоири арабзабони форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш таҳсил карда ба камол расидааст. Бо мақсади таҳсили илм ба баъзе кишварҳои Арабистон сафар кардааст. Дар мадрасаи «Низомия»-и Бағдод муддате вазифаи китобдориро ба ӯҳда дошт. Дар асари Ёқути Ҳамавӣ «Мӯъҷамул-удабо» зимни маълумот оид ба А. 13 асари илмии ӯ номбар шудаанд, ки аз онҳо «Таърихи Абевард ва Нисо», «Ал-Ансоб», «Табақот-ул-илм» ҷолибанд. Аз тавсифи ин асарҳо бармеояд, ки А. муаррих, мунаққиди шеър, муҳаддиси маъруф будааст. Аз А. девони ашъор боқӣ мондааст. Девони А. шеърҳои ошиқона, шеърҳо дар васфи Наҷд, Ироқ ва ғ.-ро ба забони форсӣ ва арабӣ дар бар мегирад. *Н. Зоҳидов.*

А́БЕЛ Нилс Ҳенрик (5. 8. 1802, Фингё – 6. 4. 1829, Фроланд, наздики Арендал), математики машҳури норвегиявӣ. Соли 1821 А. ба Донишгоҳи Осло дохил шуда, с. 1822 дараҷаи илмии номзади фалсафаро соҳиб мегардад. Зимистони 1822 – 23 А. ба донишгоҳ аввалин кори илмии назаррасеро пешниҳод мекунад, ки он ба интегронидани муодилаҳои дифференсиалӣ бахшида шуда буд. Соли 1823 А. яке аз масъалаҳои қадима: дар ҳолати умумӣ (дар радикалҳо) ҳал надоштани муодилаҳои дараҷаи 5-ро бомуваффақият исбот кард. Солҳои 1825 – 26 А. ба Берлин сафар кард ва ҳамроҳи К. Г. Якоби дар пешрафти назарияи функсияҳои эллиптикӣ корҳои назаррасеро анҷом дод. А. исбот намуд, ки муодилаҳои дараҷаашон аз 4 боло, дар ҳолати умумӣ, дар радикалҳо ҳал надоранд. А. яке аз асосгузорони назарияи функсияҳои эллипсӣ мебошад. Барои тадқиқоти илмиаш дар соҳаи функсияҳои абелӣ сазовори мукофоти Академияи Париж гардидааст. Соли 1828 А. узви ҷамъияти илмии шоҳии Норвегия интихоб шуда, тадқиқоташро оид ба функсияҳои эллиптикӣ вусъат медиҳад. Куллиёти асарҳояшро с. 1839 устодаш Холмбоэ чоп мекунад. Ба шарафи ӯ дар Моҳ номи танӯрае гузошта шудааст (танӯраи Абел). Соли 2002 ҳукумати Норвегия ба шарафи 200-солагиаш Мукофоти ба номи Абелро дар соҳаи математика таъсис дод. Дар ш. Осло ҳайкалаш гузошта шудааст.

Ад.: О р е О., Замечательный математик Нильс Хенрик Абель, М., 1961.

АБЕЛЯ́Р Пйер (1079, Палле – 21. 4. 1142, дайри католикии Сен-Марсел), файласуф, илоҳиётшинос ва шоири франсавӣ. Соли 1113 мактаби шахсии худро таъсис дод. А. ба реализми ифротии Гиломи Шампоӣ ва номинализми Росселин зид баромада, таълимоти худро пешниҳод намуд, ки дар он баъзе хусусиятҳои таълимоти Арасту таҳдид шуда, минбаъд бо номи консептуализм машҳур гардид. Мувофиқи таълимоти А. дар олами воқеӣ фақат ашёи ҷудогона вуҷуд доранд. Умури куллӣ мустақилона вуҷуд надошта, зимни ҷудо карда гирифтани сифатҳои алоҳидаи ашё, дар натиҷаи фаъолияти таҳридии ақл ҳамчун мафҳум пайдо мешаванд. Идроки ҳиссӣ асоси дониш аст; зимни муроқабаи ҳиссӣ инсон фақат чизҳои алоҳидаро дарк мекунад. Ғояҳо – идеяҳо танҳо дар ақли илоҳӣ вуҷуд доранд. Ақли илоҳӣ дар ҷараёни муроқаба ба дарки амиқи ҳама гуна касрати олами моддӣ қодир аст. Бар хилофи Анселми Кентерберӣ, ки ақлро дар асоси имон пайдошуда мепиндошт («бовар мекунам, то бифаҳмам»), А. ақлро қисман аз имон ҷудо карда, онро шарти пешакии ба вуҷуд омадани имон мешуморид («мефаҳмам, то бовар кунам»). Албатта, мармузоти калисоро низ ба мисли «Каломи муқаддас» қаблан оқилона дарк кардан мумкин нест, вале эътибори ривояту аҳкоми динӣ бояд ба тавассути ақл санҷида шавад. Таҳлили мантиқии аҳкоми динӣ дар осори А. дар баъзе ҳолатҳо аз шарҳу тафсири маъмул фарқ мекард. Калисои католикӣ ду бор – дар калисои ҷомеи Суассон (1121) ва Санс (1140) осори дар мавзӯи илоҳиёт навиштаи А.-ро маҳкум кард. Масъалаи асосии таълимоти ахлоқии А. муайян намудани моҳияти гуноҳ аст. Инсон ҳангоми анҷом додани амали хайр ё шар бояд бо амри виҷдон ва оқилона рафтор кунад. Вале дар масъалаи наҷоти рӯҳи инсон А. тарафдори таълимоти қазову қадар буд. Ӯ яке аз асосгузорони усули схоластикист.

АБЕРА́ (фарзанди набера), дар муносибатҳои гражданӣ ва хешутаборӣ меросхӯри қонунӣ. А. узви авлодии меросдиҳанда аст. А. чун набераву дигар аъзои авлод ҳуқуқи меросхӯри қонунии пешниҳодшавандаро дорад. Мас., дар ҳолатҳое, ки агар фарзанди шахси меросгузор меросро гирифта натавонад, ҳиссае аз онро метавонад А. ё набера бигирад.

АБЕРРА́ТСИЯ (лот. aberratio – каҷравӣ, майлкунӣ, инҳироф), 1) д а р ф и з и к а майлкунии шуои рӯшноӣ назар ба самте, ки дар системаи идеалии оптикӣ бояд паҳн шавад; 2) д а р а с т р о н о м и я тағйир ёфтани мавқеи диди ҷирми мунири осмонӣ бар асари ниҳоии паҳншавии суръати рӯшноӣ, ҳаракати ҷирми мушоҳидашаванда ва мушоҳид; 3) д а р м о р ф о л о г и я ва ф и з и о л о г и я ҳар гуна инҳирофи сохт ва функсия аз намуди асосӣ; 4) д а р с и с т е м а т и к а и б а ъ з е г у р ӯ ҳ ҳ о и ҳ а й в о н о т (шапалакҳо, гамбускҳо, моҳиҳо) инҳирофи тасодуфии ҷузъӣ дар ранг, нақш ва сохти ҷилд; 5) д а р г е н е т и к а тағйири тӯлонии сохтори хромосома.

АБЕРРА́ТСИЯИ СИСТЕ́МАҲОИ ОПТИКӢ, хатоӣ ё нуқсонҳои тасвир дар системаҳои оптикӣ. Дар натиҷаи А. с. о. тасвирҳои оптикӣ дар баъзе мавридҳо возеҳу равшан набуда, ба асли воқеиашон монанд нестанд ё канорҳояшон ранга мебароянд. Навъҳои маъмулаш инҳоанд: а б е р р а т с и я и к у р а в ӣ (с ф е р а в ӣ) – ноқисии тасвирҳои оптикӣ, ки дар натиҷаи он шуоъҳои рӯшноии аз наздикии меҳвари оптикӣ ва дуртар аз он гузаранда дар як нуқта ҷамъ намеоянд. Ин нуқсонро бо истифодаи комбинатсияҳои махсус интихобшудаи линзаҳо пурра бартараф кардан мумкин аст; к о м а – нуқсони тасвири оптикиест (тасвири нуқта намуди доғи ғайрисимметрии дарозрӯяро мегирад), ки дар натиҷаи каҷҳатта гузаштани шуоъҳои рӯшноӣ аз системаи оптикӣ ба амал меояд; а с т и г м а т и з м – ҳодисаи оптикиест, ки мавҷи рӯшноии куравӣ дар вақти гузаштан аз системаи оптикӣ шаклан тағйир ёфта, ба дастаи нури мураккаб табдил меёбад. Дар натиҷа шуоъҳо ҳамдигарро на дар як нуқта, балки дар ду порчаи хати рост, ки дар ягон масофа нисбат ба ҳамдигар амудӣ ҷойгиранд, мебуранд; д и с т о р с и я – гуногунии калонкунии хаттӣ дар ҳудуди майдони тасвир, ки боиси вайроншавии монандии геометрии байни объект ва тасвири он мегардад. Дар системаҳои оптикӣ дар як вақт якчанд намуди аберратсия рух медиҳад, ки бартараф намудани онҳо душвор аст. Навъҳои зикршудаи А. с. с. аберратсияҳои геометрӣ мебошанд.

Ғайр аз ин а б е р р а т с и я и х р о м а т и к ӣ (р а н г а) мавҷуд аст, ки пайдоиши он ба вобастагии нишондиҳандаи шикаст ба дарозии мавҷи рӯшноӣ вобаста мебошад.

М. Холов.

«АБЁТИ ШАШМАҚО́М», рисолаи мусиқӣ оид ба «Шашмақом», ки ох. а. 18 – ибт. а. 19 дар Бухоро таълиф гардидааст. Муаллифаш номаълум. Рисола сохт ва шакли анъанавӣ дошта, аз муқаддима ва шаш фасл иборат аст ва бо хати хонои настаълиқ ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Дар муқаддима тафсири муҷази мусиқӣ чун илму санъат ва мавқеи он дар байни илм ва ҳунарҳои дигар, инчунин мақсади таълифи рисола зикр ёфтааст. Дар рисола (одатан дар ибтидо) аз соқиномаҳои классикони адабиёти форсу тоҷик порчаҳо оварда шудаанд ва онҳо то андозае пайвастагии банду басти оҳангиро ифода мекунанд. Рисолаи мазкур асосан аз таркиби шӯъбаҳои овозии мақомҳои «Рост», «Бузург», «Наво», «Дугоҳ», «Ироқ» баҳс намуда, адади мақомҳоро хотирнишон месозад. Фасли аввал бо мақоми «Бузург» оғоз ёфта, муаллиф роҷеъ ба таърихи пайдоишу моҳияти мавзӯӣ, ҷанбаҳои мусиқӣ ва сохту таркиботи шӯъбаҳои якуму дуюми овозии ин мақом тафсири мухтасаре додааст. Матни шӯъбаҳо бештар аз ашъори Рӯдакӣ, Анварӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Исмати Бухороӣ, Мушфиқӣ, Бедил, Зебуннисо ва инчунин шоирони а-ҳои 18 – 19 тартиб ёфтааст. Дар қисмҳои «Уфар» ва «Тарона» рубоиёт ва дубайтиҳои халқӣ низ дохил шуда, баъзе тағйироти ба вуҷуд овардаи аҳли мусиқии он давра баён гардидаанд. Фасли дуюм аз шарҳи мақоми «Рост», шӯъбаҳои асосӣ, шохаҳои таронавии ин мақом, тафсири муҷази ҳар яки он ва тағйироти аҳли мусиқӣ дар такомули мақоми мазкур иборат аст. Фаслҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашуми «А. Ш.» таркиботи овозҳои аслӣ ва фаръии мақомҳои «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ», «Ироқ»-ро дар бар гирифта, ҳар қисмат тавзеҳоти шӯъбаю гӯшаҳои ин мақомҳо, такомули дохилкардаи аҳли мусиқии Бухороро зикр мекунад. Матни сурудҳои ин қисмҳо низ аз ашъори классикони форсу тоҷик гирифта шудааст. Рисолаи «А. Ш.» асари нисбатан мукаммал буда, анъанаҳои беҳтарини санъати сарояндагии ниёгонамонро ифода менамояд. Рисола таҳти рақами 4632-1, 3059-IV дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

АБЗА́ТС (нем. Abzatz – фосила, аз феъли absetzen – фосила гузоштан), 1) ҷойи холӣ, фосилае, ки дар аввали матни дастнавис ва чопшуда ба миқдори ғунҷоиши се ва ё чор ҳарф гузошта мешавад; 2) порчаҳои матни иборат аз як ҷумла ва ё зиёдтари аз нигоҳи маъниву мазмун бо ҳам алоқамандро бо А. ҷудо мекунанд. Ҳамин порчаи матнро А. мегӯянд. Дар порчаҳои манзум (шеър) гарчанде мазмунҳои гуногун ба ҳам алоқаманд меоянд, А. гузошта намешавад. Дар нашрияҳои махсус, мас., энсиклопедия, маълумотномаҳо ва ғ. бо назардошти ҷиҳатҳои чопӣ (техникӣ) аз А. кам истифода мешавад. *С. Қурбонов.*

АБИ́БОВ (Ҳабибов) Амирбек (моҳи майи 1916, деҳаи Рини ноҳ. Ишкошим – 17. 11. 1998, Душанбе), адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1990). Хатмкардаи УДТ (1957). Фаъолияти меҳнатиаш аз с. 1932 оғоз ёфтааст. Муаллим, директори мактаби миёна ва нозири маориф (1932 – 43), корманди соҳаҳои Иттифоқҳои касаба ва идораҳои Ҳизби коммунистӣ (1943 – 52), кормани ИЗА ба номи Рӯдакӣ ва ходими илмии Ин-ти шарқшиносии АИ РСС Тоҷ. (1958 – 92). Аз с. 1992 то ох. умр ходими пешбари илмии ИЗА. Аз с-ҳои 60 а. 20 А. бо роҳбарии акад. А. Мирзоев ба ҷамъоварӣ, тадқиқ ва нашри осори адибони а-ҳои 18 – 19 ва ибт. а. 20 шурӯъ карда, зиёда аз 400 мақолаву рисолаву монография ба табъ расонда, осори адибони зиёдеро манзури хонандагон кард. Ҷанбаи



асосии фаъолияти илмии А. таъйини хусусиятҳои адабии доираҳои адабии Бадахшон, Зарафшон, Хатлон, Ҳисор ва диг. минтақаҳои Тоҷикистон буд. Вай зимни пажӯҳиш ва тадқиқи сарчашмаҳои адабӣ – тазкираҳо, баёзҳо, ҷунгҳо тарҷумаи ҳол ва осори шоирони доираҳои адабии Хатлон, Дарвоз, Қаротегинро муайян намуд (маҷм. «Ганҷи парешон», 1984). Монографияи «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ» (1984) ҷамъбасти таҳлилу баррасӣ, изҳори назариёти муаллиф оид ба доираҳои адабии номбаршуда мебошад. Шарҳи ҳол, намунаҳои осори шоирони Ҳисорро дар китоби «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» ҷой додааст. Ин китоб инчунин таҳлилу ибрози андешаҳои муҳаққиқонаи адабиётшиносии А.-ро дар бар мегирад. А. аз тазкираҳо, баёзҳо, ҷунгҳо маводи зиёде ҷамъ оварда, китобҳои «Рубоиёти халқӣ ва китобӣ» (1981), «Баёзи ҷавоҳироти сухан» (1987) ва ғ-ро ба табъ расонидааст.

Ос.: Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон, Д., 1971; Ганҷи Бадахшон, Д., 1972; Ганҷи Зарафшон, Д., 1984; Аз ганҷинаи адабии Ҳисор, Д., 1995. *Г. Саъдиева.*

АБИДОВУ́Д СУЛАЙМО́Н ибни Ашъас ибни Исҳоқи Сиҷистонӣ (825 – 898), яке аз муҳаддисони машҳури аҳодиси набавӣ. Тибқи ривоёт ӯ 500 000 ҳадисро ҳифз карда, аз байни онҳо ҳадисҳоеро ихтиёр карда, дар асараш «Китоб-ус-сунон» машҳур бо «Сунони Абидовуд» гирд овардааст.

М. Мудинов.

АБИДО́С (юнонии қадим; номи қадимаи маҳалли Абечу, номи ҳозирааш Ал-Араба-ал-Мадфуна), яке аз қадим-



Боқимондаи ибодатгоҳи Сети I.

тарин шаҳрҳои Мисри Қадим, маркази бузурги динӣ (аз миёнаи а. 4 то м.). Дар соҳили ғарбии д.-и Нил воқеъ гардидааст. А. бо дахмаи «Гирехи нафас» машҳур буд, ки қибтиён ба умеди мисли худо Осирис эҳё шудан дар он обидаҳо мегузоштанд. Мутобиқи ривоёт гӯё худованд Осирис дар А. ба қатл расонида шуда, ҳамон ҷо мадфун буд ва аз он ҷо эҳё гардид. То ҳол боқимондаҳои қасрҳои сулолаи дуюм, дахмаҳо ва меҳробаҳои маъбадҳои шоҳона (чун ибодатгоҳи Сети I) бо нақшунигори ҷолибашон маҳфуз мондаанд. А. зиёратгоҳ ҳам мебошад.

Ад.: Коростовцев М. А., Религия древнего Египта, М., 1976. *Б. Раҳматов.*

АБИОГЕНЕ́З (аз юн. *a*…, bios – ҳаёт ва genesis – пайдоиш), назарияи ба вуҷуд омадани мавҷудоти зинда аз моддаҳои табиаташон ғайриорганикӣ. То миёнаҳои а. 19 гумон мерафт, ки мавҷудоти зинда худ аз худ аз маводи ғайриорганикӣ тавлид меёбанд, мас., гӯё мушу калламушҳо аз партов, қурбоққаҳо аз лойқаю обсабзҳо, кирм аз гӯшти пӯсида пайдо мешаванд. Вале олими италиявӣ Ф. Реди с. 1668 исбот намуд, ки кирминаҳои пашша дар гӯшти пӯсида фақат дар натиҷаи ба гӯшт тухм гузоштани худи пашшаҳо ба вуҷуд меоянд. Дар а. 18 олими италиявӣ Л. Спаллансани муқаррар кард, ки дар пиёбаи ҷӯшонида микроорганизмҳо инкишоф намеёбанд. Таҷрибаҳои олими франсавӣ Л. Пастер низ беасосии ақидаҳои болоро собит намуданд. Соли 1871 олими немис Р. Вирхов дар асоси таълимот оид ба назарияи ҳуҷайра қайд кард, ки ҳуҷайраҳои зинда аз ҳуҷайраҳои зиндаи пешина пайдо мешаванд. Феълан дар рӯи Замин пайдоиши ҳаёт аз маводи ғайриорганикӣ ба мушоҳида нарасад ҳам, аз эҳтимол дур нест, ки миллиардҳо сол қабл аз ин пайдо шуда бошад. Маъмултарин назарияи А.-ро олими шӯравӣ А. И. Опарин пешниҳод намудааст. Ӯ с. 1924 бо номи «Пайдоиши ҳаёт» мақолае ба табъ расонда, тасаввуротеро ба миён оварад, ки дар маҳлулҳои пайвастҳои калонмолекула метавонанд худ аз худ қитъаҳои консентратсияи зиёд ҳосил шаванд. Онҳо аз муҳити берунӣ нисбатан дур ҷойгир буда, метавонанд бо он тамос дошта бошанд. Опарин онҳоро қатраҳои коасерватӣ ё коасерватҳо номидааст.

Ад.: Белясов Д. К., Общая биология, М., 1993; Биология для школьников и поступающих в ВУЗы, М., 1999.

АБИССА́Л (аз юн. abyssos – бетаг), ниг. *Минтақаҳои батиометрии уқёнус.*

АБИТУРИЕ́НТ (аз лот. abiturrens – омодаи рафтан), дар бисёр мамлакатҳо хатмкунандаи мактаби миёнаро А. гӯянд. Аз ох. с-ҳои 50 а. 20 А. маънои нав гирифт. Минбаъд шахсеро, ки азми ба мактаби олӣ ва миёнаи махсус дохил шудан дорад, А. меноманд.

АБИШХОТУ́Н (с. тав. номаълум, Шероз – вафот 1286, Табрез), охирин намоянда аз сулолаи салғуриёни Форс – фармонравои а. 14-и Эронзамин. Духтари Саъд ибни Абубакр (ҳукмр. 1260) ва Турконхотун. Баъди аз тарафи муғулон қатл шудани Салҷуқшоҳ аз хонадони салғурӣ танҳо А. ва хоҳараш Сулғум боқӣ монданд ва бо мувофиқаи умарои турк А. с. 1265 ба атобаки Форс интихоб гардид ва ба номаш пул сикка зада шуда хутба низ хонда шуд. Издивоҷи А. бо хони муғул – Мангу Темур боис гардид то Форс куллан зери назорати муғулон қарор гирад ва ин навоҳӣ муддати 20 сол аз номи А. идора мегардид. Тақр. с. 1285 силсилаи Салғуриёни Форс аз байн рафт.

Ад.: Иқбол Аббос, Таърихи муфассали Эрон, ҷ. 1, Т., 1962. *Т. Иброҳимова.*

«АБКО́Р-УЛ-АФКО́Р ФӢ РАСОИ́Л ВА-Л-АШЪО́Р», қадимтарин маҷмӯаи номаҳо, қасидаҳо, қитъаҳо ва рубоиёти Рашиди Ватвот, ки дар миёни с-ҳои 1156 – 73 тадвин шудааст. Аз 4 қисм иборат аст. Дар қисми якум 10 номаи арабӣ, дар қисми дуюм 10 қасидаи арабӣ ва чанд қитъа, дар қисми сеюм 10 нома ба забони форсӣ, дар қисми чорум 10 қасидаи форсӣ (дар мадҳи худойгони олам, малики муаззам Хоразмшоҳ), чанд ғазалу қитъа ва дубайтӣ ҷой гирифтаанд. Номаҳо ба сабки маъмули давраи дуюми Салҷуқиён нигошта шудаанд. Корбасти санъатҳо дар ҳади эътидол аст. Бахусус, аз ташбеҳоту истиорот фаровон истифода шудааст. Дар номаҳои расмӣ баёни эҳсосот ва отифаи шахсии нигоранда камтар, аммо дар номаҳои ғайрирасмӣ сухан гуфтан бештар мебошад. Нуктагӯӣ, ғазалгӯӣ, гилагузорӣ, латифапардозӣ, ҳазлу мазоҳ, нақли ашъори тӯлонӣ, таҳқиқот ва нуктасанҷиҳои илмиву адабӣ бадеияти номаҳоро пурқувват гардонидаанд. Як нусхаи аксии «А.» дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон мавҷуд аст, ки асли он дар китобхонаи Донишгоҳи Истанбул маҳфуз мебошад.

Ад.: Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърих ва назарияи номанигорӣ (аз қадим то замони Амир Хусрави Деҳлавӣ), Д., 2009.

М. Нарзиқул.



Аблақ.

АБЛА́Қ, зебра, як навъ ҳайвони ширхӯри тоқсум, ки ба ҷинси асп (Equus) мансуб аст. Дарозии танаш 200 – 240 см, думаш 47 – 57 см ва қадаш 120 – 140 см; вазнаш 350 кг. Ранги аслии А. сиёҳ буда, раҳҳои сафед дорад. Ёлаш кӯтоҳ. 3 намуди А. мавҷуд аст: А.-и кӯҳӣ (E. zebra), А.-и биёбонӣ (E. grevyi) ва А.-и даштӣ (E. quagga; пурра нест шудааст). А.-и кӯҳӣ нисбатан хурд буда, гӯшҳои дароз дорад. Раҳҳои сиёҳи он дар сағрӣ нақши панҷарарро мемонанд. Зоҳиран бештар ба хар монанд аст. Дар Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ ва Анголаи Ҷанубӣ дучор меояд. Тақр. 700 сар боқӣ мондааст. Ба «Китоби сурх»-и Созмони байналмилалии муҳофизати табиат дохил карда шудааст. А.-и биёбонӣ нисбат ба диг. намудҳои А. калончусса мебошад. Ранги сафеди шикамаш то ба паҳлуҳо мерасад. Дар қисми марказии Эфиопияи Шарқӣ, Сомалӣ, Кенияи Шимолӣ дучор меояд. Тақр. 15 ҳаз. сар боқӣ мондааст. Ба «Китоби сурх»-и Созмони байналмилалии муҳофизати табиат дохил карда шудааст. А.-ҳо ҷонварони алафхӯр буда, гала-гала (10 – 30 сар) зиндагӣ мекунанд. Давраи ҳамли онҳо 364 – 390 рӯз аст (1 – 2 курра мезояд). Курраи А. баъди 10 – 15 дақиқаи ба дунё омадан, ба по рост истода, қадамҳои аввалинро мегузорад. А. дар шароити сунъӣ нағз зиндагӣ карда, насл медиҳад. А. мисли асп тездав нест. Ром кардани он хеле душвор аст; аз ҷонварони даранда худро бо дандон ва зарби лагат ҳифз мекунад. Душмани ашаддии А. шер аст. Сокинони таҳҷоии Африка А.-ҳоро барои гӯшт ва пӯст шикор мекунанд. Бинобар ин саршумори онҳо хеле кам шудааст.

АБЛЯ́ТСИЯ (лот. ablatio – рабудан, камшавӣ), 1) дар техника қисман нест кардани массаи сатҳи ҷисми сахт бо ҷараёни газҳои гарме, ки ин сатҳро шорида мегузаранд. А. дар натиҷаи эрозия, гудозиш ва сублиматсия ба амал меояд. Дар вақти бо суръати баланд ҳаракат намудани шиҳобҳо ва

аппаратҳои париши кайҳонӣ дар атмосфера мушоҳида мешавад. А.-ро барои ҳимояи (сардсозии) қабатҳои берунаи қисмҳои аппарати париши кайҳонӣ ва дохили муҳаррикҳои ракетаҳо, ки дар натиҷаи ҷараёни газҳои гарм сахт метафсанд, истифода мебаранд. Дар ин маврид бо ёрии энергияи гармӣ ҷисми сахт гудохта ё якбора ба газ табдил дода мешавад, ё сатҳи тафсидаро бо қабати моддаи махсус рӯйпӯш мекунанд. Маҳсули сублиматсия ба поён шорида, қабати газиеро ташкил медиҳад, ки он деворaҳои аппарати париши кайҳониро аз алоқа бо атмосфера ё маҳсулоти сӯзиш муҳофизат менамояд; 2) д а р г л я т с и о л о г и я камшавии массаи пирях ё қабати барф дар натиҷаи обшавӣ, бухоршавӣ ё вайроншавии механикӣ. А. асосан ба шароити иқлим вобаста буда, се намуд мешавад: зерпиряхӣ, дохилӣ ва сатҳӣ. *М. Холов.*

АБОВЯ́Н Хачатур (1805 – 1848), нависанда, маорифпарвари демократ, асосгузори адабиёту забони адабии нави арман, педагог ва мардумшинос. Донишгоҳи Тартуро (Эстония) хатм кардааст (1836). Ба муқобили таассуб ва зоҳирпарастӣ, ки рӯҳониён дар таълим ҷорӣ карда буданд, мубориза мебурд. А. дар анвои гуногуни адабӣ – роман, ҳикоя, намоишнома барои театр, ашъори ғиноӣ, масал ва ғ. асарҳо офаридааст. Романи машҳури А. «Захмҳои Арманистон» (1841) мебошад, ки дар он муборизаи озодихоҳонаи халқи арман дар даврaи ҷанги Россия ва Эрон (1826 – 28) тасвир шудааст. Ба қалами А. асарҳои илмии бадеии «Кашфи Америка», «Маҷмӯаи ҳикоёт», маҷм. масалҳои «Машғулият дар фароғат», силсилаи «Баётҳо», китобҳои дарсӣ таалluқ доранд. Ба забони арманӣ намунаҳои осори Ҳомер, И. В. Гёте, Ф. Шиллер, Н. М. Карамзин, И. А. Крилов ва дигро тарҷума кардааст. А. дар Арманистон яке аз нахустин касонест, ки ба мардумшиносӣ – омӯзиши зиндагӣ ва урфу одатҳои мардуми деҳаи худ ва сокинони Ереван, омӯзиши фолклори курдҳои Арманистон ва ғ. машғул шудааст. Дар Арманистон А. обрӯю эътибори баланд дорад ва шаҳре ба номи ӯ номгузорӣ шудааст. Дар матбуоти Тоҷикистон оид ба А. мақолаҳо чоп шудаанд ва шахсияти ӯ муаррифӣ гардидааст («Нависандаи бузурги Арманистон», маҷ. «Шарқи сурх», 1948, № 10; «Вассофи дӯстии халқҳо», ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 28 марти 1985). Зимни мақолаҳои зикршуда, пораҳое аз осори А. дар тарҷумаи тоҷикӣ ба хонанда пешкаш шудаанд.

АБОЗИ́Я, и б о з и я , фирқае аз *хаворич*, ки муассисаш Абдуллоҳ ибни Абози Тамимӣ (а. 8) мебошад. Он яке аз куҳантарин фирқаҳо дар байни мусулмонон аст. Ба А. гурӯҳи нисбатан хурде шомил буд, вале аз лиҳози таърихӣ ва таълимоташ аҳамияти бузургеро молик мебошад. А. пайравони худро аҳли ҳақ ё худ асҳоби даъват ва мазҳаби худро «мазҳаб-ул-муҳаққиқа» медонист ва иддао дошт, ки аз тамоми фирқаҳои исломӣ ягона фирқаи наҷотёфта мебошад. Аз ин рӯ, абозиён баъзан мазҳаби худро «ноҷия» низ номидаанд. Пайравони А. худро наздиктарин мазҳаб ба рӯҳи ислом ҳисобида, гумон мекарданд, ки чун онҳо аз аҳли ҳақанд, ҳатман пирӯзӣ насибашон хоҳад шуд. Аз ибтидои ҷудо шуданаш аз хаворич, пайравони А. хусусияти тундравонаи онро напазируфтанд ва тамоюли мӯътадилонаро касб карданд. Бо мурури замон пайравони А. ба аҳли суннат ва ҷамоат наздик шуданд ва абозиёни Либияву Тунис тафовути андаке бо тасаннун доштанд, вале абозиёни Алҷазоир ва Уммон роҳуравиши қаблии худро идома доданд. Муаррихони маъруфи А. ба мисли Баррodӣ дар «Ҷавоҳир-ул-мунтақот» ва Шамоқӣ дар «Китоб-ус-садр» таърихи пайдоиши А.-ро ба замони хилофати Усмон расонидаанд ва А.-ро қадимтарин фирқае эълон намудаанд, ки гӯё қабл аз хаворич пайдо шуда бошад. Дар асл бошад, ин фирқа зимни ҳаракати хоричия арзи вуҷуд намудааст. Аввалин хурӯҷи А. барои ба даст овардани хилофат дар аҳди халифа Марвони II бо роҳбарии Абдуллоҳ ибни Абоз ба вуқӯъ пайваста буд. Онҳо Мадинаро ба тасарруфи худ даровардаанд ва хатари ҷиддӣ барои Умавиён эҷод намуданд, вале Маккаро ишғол карда натавонистанд. Баъди шикаст хӯрданашон дар муҳорибаи Алқуро, абозиён ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, гурӯҳе аз он дар Басра дар атрофи Нофеъ ибни Азрақии Ҳанзалӣ ва Абдуллоҳ ибни Саффори Саъдӣ ва гурӯҳи дуюм ба Уммон дар гирди Наҷда ибни Ҳомун ва Абуфудайк муттаҳид шуданд. Ба фикри пайравони А. сифоти худо айни зоти ӯст. Имоми аввалини А. Ҷобир ибни Зайд мебошад. Интихоби имом пинҳонӣ сурат мегирифт. Пайравони А. усули фиққи аҳли суннат ва ҷамоатро ба ҷуз иҷмоъ мепазируфтанд. Фарқи асосии хоричия ва дигар фирқаҳои аз он пайдошуда аз А. дар он зоҳир мегардид, ки абозиён фарди гуноҳи кабира содиркардаро кофир мехонданд, зеро мувофиқи таълимоти онҳо итоат ҳам имон аст ва ҳам дин. Абозиён мавқеи мӯътадилонаро интихоб карда, касеро мушрик мешумориданд, ки худоро қабул надошта бошад, ё вақҳе аз вуҷӯҳи тавҳидро инкор ва ё ҳарфе аз ҳуруфи каломи Аллоҳро мункир шавад, ҳалоли мансухро ҳаром ва ҳароми мансухро ҳалол эълон кунад. Худо гуноҳи кӯдаконро мебахшад, вале болиғон дар сурати содир кардани гуноҳ бояд тавба кунанд. А. қувваи илму имонро иктисобӣ намедонад, онҳо ба фикри абозиён нуре мебошанд, ки ба қалби мӯъмин метобанд, ӯро аз дунё дур сохта, барои марг ва зиндагии абадии бозпасин омода месозад. Абозиён ба чаҳор шоха тақсим шуда буданд: ҳафсия, ҳорисия, язидия ва аҳли тоат. Ҳоло пайравони А. дар шимоли Африка, Уммон, Алҷазоир ва Либия фаъолият доранд. Дар Тунис дар ҷазираи Ҷурба ҳам зиндагӣ мекунанд. Ҷамоаҳои А. бо ҳам робита доранд ва ба гурӯҳҳои динию сиёсӣ ҷудо шудаанд. Абозиёни Алҷазоир бо аҳли суннат камтар омезиш пайдо кардаанд ва таълимоти худро то дарачае ҳифз намудаанд.

Ад.: А б д у л қ о ҳ и р и Б а ғ д о д ӣ . Таърихи мазоҳиби ислом ё тарҷумаи фарқ байн-ал-фирақ. Табрез, 1333; М а д е л у н г . Фирқаҳои исломӣ, Т., 1377; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 3, Т., 1368, х. ш. *М. Ҳазратқулов.*

АБОҚОХО́Н (муғулӣ, ба маънои амак; февр. 1234, Муғулистон – 1 апр. 1282, Ҳамадон), писари калонии *Ҳалокухон*, дуюмин хони муғул аз силсилаи Ҳалокуиёни Эрон. А. дар лашкаркашии падараш ба Эронзамин (1256) ширкат карда, бахусус дар ҷангҳои зидди Ӯрдаи Заррин (с-ҳои 1261 – 62) хеле фаъол буд. Дар замони падараш волии *Хуросон* ва *Мозандарон* таъйин шуд. Пас аз марги падараш (1265) байни А. ва бародараш Яшмут муноқиша рӯй дод. Оқибат А. 19 июни 1265 ба тахт нишаст ва Шамсуддин Ҷувайниро, ки вазири хирадманди падараш буд, нигоҳ дошта, Табрезро пойтахти салтанати худ қарор дод. Иртиботи ӯ бо хонҳои Ӯрдаи Заррин ҳамоно душманона буд. А. ду маротиба ба Бухоро лашкар кашида (1273 ва 1276), шаҳрро ба андозае ғорат намуд, ки то ҳафт сол аз мардум холӣ монд. Оқбак (волии яке аз навоҳии Хуросони Шарқӣ) ва Шамсуддини Курт (ҳокими Ҳирот) алайҳи А. шӯриданд ва ӯ тавонист қиёми онҳоро фурӯ нишонад. А. с. 1280 ба Хуросон лашкар кашид ва ин навоҳиро дубора ба итоа-

ти худ даровард. Дар мағриби салтанати А. низ оромӣ набуд ва бо мақсади фурӯ нишондани наҳзатҳои истиқлолталабонаи ин мулкҳо чанд бор ба Миср, Сурия, Арманистони Сағир, Гурҷистон лашкар кашид. Охируламр 20 зулҳиҷҷаи с. 680 А. ногаҳон фавтид ва дар ҷазираи Шоҳии дарёчаи Ризоия дар канори падараш мадфун шуд. *Л. Бойматов*

АБО́Н ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (с. тав. номаълум – ваф. 815), шоир ва адиби арабизабони эронинажод. Давраи ҷавонӣ ва таҳсилоташ дар Басра гузаштааст. Баъдан ба Бағдод рафт ва ба маҳфили адабии вазирони маъруфи эронии Хилофат – Бармакиён пайваст. А. «Калила ва Димна», «Булуҳар ва Будосаф», «Китоби Синдбод» («Синдбоднома»), «Сирати Ардашер» («Корномаи Ардашери Бобакон»), «Сирати Анӯшервон» (Корномаи Анушервон), «Китоби Маздак»-ро, ки Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ тарҷума карда буд, инчунин асари Ибни Муқаффаъ «Адаб»-ро ба забони арабӣ ба назм даровардааст. Ибни Надим дар «ал-Феҳрист» ба шумори асарҳои ба назм даровардаи А. инчунин «Китоб-ул-мантиқ» (зоҳиран «Мантиқ»-и Арастуст, ки онро Ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ гардонда буд), «Зот-ул-ҳулал», «Китоб-ур-расоил», «Китоб Ҳулм ал-Ҳинд»-ро дохил кардааст. Ба қалами А. яке аз нахустин маснавиҳо дар адабиёти араб «Фи-с-сиём ва-з-закот» (номи дигараш «Китоб-ус-сиём ва-л-иътикоф» – китоб доир ба рӯза ва гӯшанишинӣ), ғазалҳо, порчаҳои шеърӣ дар шаклҳои мадҳия, ҳаҷвия, марсия ва ғ. (тақр. 600 байташон дастрас гардидааст) тааллуқ доранд.

Ад.: Донишномаи Сомониён, ҷ. 1, Х., 2008.

Н. Зоҳидов.

АБОНЕМЕ́НТ (аз франс. abonnement – ба ягон чиз обуна шудан), ҳуҷҷатест, ки ба муддати муайян аз китобхона, театр, майдони яхмолакбозӣ, ҳавзи оббозӣ, телефон, нақлиёт ва ғ. истифода бурданро таъмин мекунад. А. дар кори китобхона: 1) шакли хизматрасонӣ ба хонандагон, ки ҳуқуқи истифодаи асарҳои нашршуда ва дигар захираҳои берун аз китобхонаро медиҳад. А.-и китобхона ройгон аст. Хонандагон бояд китобро эҳтиёт карда, дар вақти муайяншуда баргардонанд; 2) шӯъбаи китобхона, ки адабиётро барои хона медиҳад. А. ба китобдор барои таъсири педагогӣ расондан ба қироати хонандагон, омӯзиши дархосту рағбати онҳо, ёрӣ расондан дар интихоби китоб имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Вобаста аз хусусияти вазифавӣ А.-ро ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд: А.-и фардӣ – бевосита ба хонандагони китобхона хизмат мерасонад; А.-и коллективӣ – талаботи ташкилотҳоро қонеъ мегардонад; А.-и ғоибона – китобҳоро бо почта ирсол мекунад; А.-и байни-китобхонавӣ – тавассути он китобхона маҳсулоти чопии надоштаашро ба муддати муайян аз дигар китобхонаҳо талаб карда мегирад; А.-и байналхалқӣ – барои аз китобхонаҳои давлатҳои хориҷӣ дастрас кардани китобҳои зарурии дар китобхонаҳои ҷумҳурӣ набуда хизмат мекунад. Бо мақсади самаранокии кори китобдорҳо ва хизматрасонӣ ба хонандагон шаклҳои мухталифи А. истифода мешаванд: А.-и умумӣ – китобдор барои хизматрасонӣ ба хонандагон тамоми амалҳоро ичро мекунад, ки ин хоси китобхонаҳои хурд аст; А.-и вазифавӣ – ҳар як китобдор вазифаи муайянеро ичро мекунад (ба китобхона обуна кардан, ба хонандагон маслиҳат додан, ба расмият даровардани додани китоб ва ғ.); А.-и гурӯҳӣ – хонандагонро аз рӯи синну сол, маълумот, касбу ҳунар ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд, ба гурӯҳҳо китобдорони мутасаддӣ хизмат мерасонанд. А.-и соҳавӣ – дар он хазинаи китобҳо аз рӯи соҳаҳо байни китобдорон тақсим карда мешавад ва китобҳоро аз ҳамин шӯъбаҳо гирифтан мумкин аст. Шаклҳои А. метавонанд тавъам бошанд (гурӯҳӣ бо вазифавӣ, соҳавӣ бо гурӯҳӣ ва вазифавӣ ва ғ.). Дар китобхонаҳои илмӣ, махсус, мактабҳои олӣ ва диг. китобхонаҳо «А.-и китобҳои илмӣ» ва «А.-и хонагӣ» мавҷуданд, ки ба куҳансолону маъюбон китобҳоро дар хонаашон дастрас мекунанд. А.-и махсус аз рӯи намуди нашрияҳо ташкил карда мешавад (адабиёти хориҷӣ, адабиёти миллӣ, адабиёти нотавию мусиқавӣ, сабтҳои овоз ва ғ.). Аз рӯи миқдор, мӯҳлати яквақта додани китобҳо ва вақти истифода А. метавонад ҳаддор (лимитӣ) бошад. Дар бисёр китобхонаҳо дастрас намудани А. озод аст. Соҳибони А.-и театрӣ, ки пештар онро харидаанд, барои истифодаи ҷой дар театр (толори консертӣ), дар намоишномаҳои аниқшуда ҳуқуқ доранд. Интихоби А.-и барномаҳои театрӣ ва консертӣ барои гурӯҳҳои гуногуни шунавандагон дар тарбияи бадеӣ аҳамияти бузурги таълимӣ дорад.



Абрҳои паршакли серқабат.



Тӯдаабрҳои баланд.



Абрҳои серқабати тӯда.



Абрҳои серқабати боронӣ.

АБОНЕ́НТ (франс. abonner – обуна шудан), шахсе (ё муассиса ва ташкилоте), ки ҳуқуқи аз *абонемент* истифода бурдан дорад.

АБО́РТ, ниг. *Исқот.*

АБР, маҳсули муаллақи конденсатсияи буғи об дар атмосфера, ки дар осмон аз сатҳи замин мушоҳида мешавад. А. аз қатраҳои хурдтарини об ё зарраҳои ях иборат аст. А. омили муҳими обу ҳавост, ки низоми *боришоти атмосферию* муайян мекунад ва ба мизони ҳарорати атмосфера таъсир мерасонад. А. ба ҳисоби миёна қариб ними гунбази осмонро

мепӯшад ва то 10^9т об дорад. Буғи об асосан дар қисми поёни атмосфера – *тропосфера* воқеъ мегардад. Бинобар ин, бештарини абрҳо дар баландиҳои гуногуни он пайдо мешаванд. Ҳар гоҳ ки ҳавои нам сард шуда, ба ҳарорати буғи сер, яъне то нуқтаи ҳосил гардидани шабнам расид, А. пайдо мешавад. Хунукшавии ҳаво ба туфайли васеъшавии адиабатӣ ҳангоми ҳаракати амудии он ба амал меояд, ки ин натиҷаи конвексияи термикӣ ва динамикист. Ҳангоми ба серӣ расидани буғи об дар натиҷаи конденсатсия дар сатҳи зарраҳои хурди гигроскопӣ: чанг, ғубор, маҳсули дуд ва ғ., ки ядрои конденсатсияанд, қатраҳои нав пайдо мешаванд. Сараввал қатрачаҳои А. аз ҳисоби конденсатсияи буғи об меафзоянд; минбаъд қатраҳо ба якдигар бархӯрда якҷоя мешаванд, яъне коагулятсияи элементҳои А. ба амал меояд. Ба туфайли коагулятсия қатрачаҳои А. то ба андозаи қатраҳои борон мерасанд ва дар шароити муайян аз А. ба шакли боришот фуруд меоянд. Дар ҳудуди ҳароратҳои манфӣ А. аз қатрачаҳои об, зарраҳои ях ё омехтаи онҳо таркиб ёфта метавонад. А.-ҳо аз рӯи намуди зоҳирӣ ва баландии асоси худ аз якдигар фарқ мекунанд. Дараҷаи бо А. пӯшида шудани гунбази осмон бо мафҳуми абрнокӣ ифода меёбад. Абрнокиро аз рӯи шкалаи даҳbalла ва шакли онро аз рӯи таснифоти байналхалқӣ муайян мекунанд. Балли осмони беабр ба сифр ва осмони пурра абрпӯш ба 10 баробар аст. Баландии абрҳоро визуалӣ (бо дид) ё бо ёрии кура-зондҳо муайян кардан мумкин аст. Шаклҳои асосии А.: А.-ҳои табақаи боло (баландии асосашон зиёда аз 6 км), ки абрҳои паршакл, паршакли серқабат, паршакли тӯдаро дар мегиранд; А.-ҳои табақаи мобайн (баландии асосашон 2 – 6 км), ки аз А.-ҳои серқабати баланд, тӯдаабри баланд иборатанд; А.-ҳои табақаи поён (баландии асосашон камтар аз 2 км), ки дорои А.-ҳои серқабат, серқабати тӯда, серқабати боронӣ мебошанд. А.-ҳое низ мавҷуданд, ки амудвор ташаккул ва инкишоф меёбанд. Асоси онҳо дар баландии 1 – 1,5 км воқеъ гардида, баландии қуллаашон то 10 км ва зиёдтар мерасад. Тӯдаабр ва тӯдаабри боронӣ аз ҳамин қабиланд. Асоси тӯдаабрҳо нисбатан ҳамвор ва қуллаҳояшон гунбазшакл мешавад ва ҳаҷман вусъат ёфта, ба тӯдаабри боронӣ (абрҳои раъдубаркӣ, тундарӣ) табдил меёбанд. Ба ҷараёни абрҳосилшавӣ хусусиятҳои географӣ таъсир мерасонанд. Дар Тоҷикистон мавҷудияти кӯҳҳо, гуногунии релйеф ва иқлим сабаби пайдоиши абрҳои маҳаллӣ мегарданд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ, асосан дар болои кӯҳҳо, тӯдаабрҳо инкишоф меёбанд, зеро дар нишебиҳои офтобрӯя ҳаво гарм шуда, боло меравад ва боиси пайдоиши абрҳо мегардад. А.-ҳое, ки дар болои қаторкӯҳҳо пайдо мешаванд ва сокин меистанд, «абрбайрақ» ном гирифтаанд. Дар водиҳои баландкӯҳ баъзан шакли ачиби А.– «тумани кӯҳӣ»-ро мушоҳида кардан мумкин. Дар Помир аз сабаби кам будани намии ҳаво тӯдаабрҳо дар баландиҳои 6 – 6,5 км пайдо мешаванд. Дар водиҳои Тоҷикистон рӯзҳои абрнок кам буда (соле 30 – 40 рӯз), бо зиёд шудани баландии маҳал меафзоянд, дар ағбаю пириҳҳо рӯзҳои абрнок бештар (мас., дар ағбаи Анзоб 100 ва минтақаҳои баландкӯҳи яхбаста то 150 рӯз ва зиёдтар) мегарданд. Одатан, дар айёми хунуки сол асосан пайдоиши абрҳои серқабат ва дар айёми гарми сол тӯдаабрҳо ва тӯдаабрҳои боронӣ (махсусан дар моҳи май) хос аст. Аз абрҳои раъдубаркӣ борони сел ва бештар жола меборад, ки ба кишоварзӣ зарар мерасонад. А. ғайр аз Замин дар ҳамаи сайёраҳои атмосфераашон газӣ, инчунин Миррих, Зӯҳра, радифони Зуҳал – Титан ва Нептун – Тритон мушоҳида мешавад. А.-ҳои ғайризаминӣ табиати гуногун доранд. Мас., дар Зӯҳра қабатҳои А. аз кислотаи сулфат иборат буда, дар Титан манбаи боронҳои метанӣ дар ҳарорати –180° мебошанд.

В. Перченко, М. Холов.

АБРА́ЗИВҲО (франс. abrasif – суфтакунанда, сайқалдиҳанда, лот. abradere – тарошидан, зудудан), маводи ниҳоят сахт, ки барои коркарди сатҳи масолеҳи гуногун истифода мешаванд. А.-ро дар техника дар равандҳои суфтакунӣ, сайқалдиҳӣ, буриши масолеҳ ва ғ. истифода мебаранд. А. аз рӯи сахтӣ, сохти химиявӣ ва андозаи заррачаҳои суфтакунанда табиӣ (алмос, ақиқи сурх, кварс, корунд, бӯр, пемза, шпати сахроӣ ва ғ.) ва сунъӣ (дажғоли минералӣ, резамайдаи пӯлод, алмоси сунъӣ, карбиди бор, карбиди силитсий, нитриди силитсий, нитриди алюминий, оксиди хром ва ғ.) мешаванд. *М. Холов.*

АБРАЗИ́Я, (лот. abrazio – тарошидан), аз бархӯрдани (латмазании) мавҷҳои об вайрон шудани соҳилҳои уқёнус, баҳр, кӯл ва обанборҳои калон. Омилҳои асосии бавуҷудоии А. нишебии сатҳи соҳил, таркиби геологии он, дараҷаи қувваи мавҷ мебошанд. А. дар сатҳи аз об баланди соҳилҳо суфа ва зинаҳои ба ном абразиявӣ ва поёнтар суфаҳои аккумулятивӣ (тӯдаи шағал, рег ва ғ.) ба вуҷуд меоварад. А. бештар дар обанборҳои нав ё ҷойҳои баландшавии сатҳи об ба мушоҳида мерасад ва зери бинову иншооти наздисоҳилиро хароб карда, хисороти иқтисодӣ ва экологӣ мерасонад.

АБРА́Қ, минерали алюмосиликатие, ки сохташ варақин аст. А. гарми тобовар буда, ҷараёни электрикиро намегузаронад ва таркиби химиявиаш мураккабу тағйирёбанда мебошад. Формулаи умумиаш:

$$R_1R_{2\text{-}3}[AlSi_3O_{10}](OH.F)_2,$$

ки дар ин ҷо R_1=K, Na; $R_{2\text{-}3}$=Al, Mg, Fe, Li мебошад. Аз рӯи таркиб А. магнию оҳандор (фогопит, биотит, лепидомелан), алюминийдор (мусковит, парагонит) ва литийдор (лепидолит, синнвалдит, тайниолит) мешавад. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ. Кристаллҳояш варақ-варақ, тахта-тахта ё пулакчамонанд шуда, дар кундалангӣ то ба 1 м мерасанд. Сахтии кристаллҳои А. аз рӯи шкалаи минералогӣ 2,5 – 3, зичиашон 2700 – 3200 кг/м^3 мебошад. А. дар табиат бисёр вомехӯрад ва чун минерали ҷинсофарин дар таркиби бисёр



Минерали абрақ.

ҷинсҳои интрузивӣ (гранитҳо, сиенитҳо, диоритҳо), метаморфӣ (гнейсҳо, варақсангҳои кристаллӣ ва ғ.) дучор меояд. А. масолеҳи муҳим барои термоизолятсия ва электроизолятсия буда, дар соҳаи эклектротехника, авиатсия ва радиотехника васеъ истифода мешавад. Аз липидолитҳо шишаҳои махсуси оптикӣ месозанд. Резамайдаҳои А.-ро дар сохтмон, саноати резина, истеҳсоли пластмасса, ранг ва ғ. васеъ ба кор мебаранд. Дар Тоҷикистон кони хурди А. дар қ-кӯҳи Ишкошим мавҷуд аст.

АБРА́МОВ Александр Константинович (28. 8. 1836, губ. Новгород – 25. 10. 1886, Симферопол), олим ва генерали рус, иштирокчии фаъоли юришҳо ба Осиёи Миёна. Соли 1858 ба батареяи пиёдагарди Сибир гузашта, аз с. 1860 дар юришҳои Россия ба Туркистон иштирок кардааст. Дар ишғол намудани қалъаи Пишпек (Бишкеки ҳозира) аз сараш захмӣ шуд (4 сент. 1860) ва то охири умр ба сараш калапӯши чармӣ мепӯшид (расм). Дар ишғоли Авлиёота (майи 1864), Чимкент (21.9.1864), Чиноз (29.04.1865) ва Тошканд (1864–65) иштироки фаъолона дошт. А. дар муҳорибаҳои Эрҷор (8. 5. 1866) ва Хуҷанд (24. 5. 1866) хеле фаъол буд ва бо орденҳову рутбаҳои навбатии ҳарбӣ қадр карда шудааст. Пас аз таъсиси генерал-губернатории Туркистон (1867), А. коменданти қалъаи Ҷиззах таъйин шуд. 1–2 майи 1868 А. дар муҳорибаи баландии Чулпонато иштирок кард, ки он ба ишғоли ш. Самарқанд оварда расонд. 12 май ҳамон сол ӯ бо сарбозони худ Ургутро ишғол кард. 2 июни 1868 дар наздикии Зирабулоқ муҳорибаи шадид ва охирини Россия ва Бухоро ба вуқӯъ пайваст, ки дар ғалабаи русҳо ҳиссаи А. зиёд аст. Барои иштироки фаъолона А. рутбаи генерал-майорро сазовор шуд. Ҳукумати подшоҳии Россия аз ҳисоби шаҳрҳои забтшудаи Самарқанд, Каттақӯрғон ва болооби Зарафшон (Кӯҳистон) музофоти Зарафшонро таъсис дода, А.-ро саркори он таъйин кард. А. инчунин дар ҷангҳои дохилии аморати Бухоро ширкат кардааст. 1 июни 1868 дар Самарқанд шӯриши зиддирусӣ ба вуқӯъ пайваста, 8 июн бо ваҳшоният пахш карда шуд, ки А. дар он иштироки фаъол дошт. Инчунин А. дар пахш намудани шӯриши писари калони амир Музаффар – Абдумаликтӯра (Каттатӯра) дар Қаршӣ (27 окт. 1870) ҳиссаи калон дорад. Яке аз мақсадҳои А. тобеъ кардани мулкҳои болооби Зарафшон (Кӯҳистон) буд. Баҳри ин мақсад баҳори 1870 бо сарварии А. экспедитсияи илмии Искандаркӯл ташкил карда шуд. Ба ҳайати он 200 наф. казакҳои мусаллаҳ, ротаи пиёдагард ва взводи пулемётчиҳои кӯҳгард шомил буданд. Боз аз Ӯротеппа дастаи дигари ҳарбиёни мусаллаҳ дар роҳ ба онҳо пайвастанд. Дар ҳайати он инчунин олимон: табиатшинос А. Ф. Федченко, геолог Д. К. Мишенко, нақшабардор Л. Н. Соболев ва диг. буданд. Сафар 25 апр. 1870 аз Самарқанд оғоз шуд. Майи 1870 ш. Панҷакент ба ихтиёри қӯшунҳои рус гузашт. Вале дар деҳаҳои Артуч, Панҷруд, Даштӣ, Кулолӣ, Фалғар, Мастчоҳ ва ғ. ҷангҳои шадид алайҳи русҳо ба амал омаданд. Июни 1870 экспедитсия амалиёти ҳарбии худро ба охир расонд. Аз ҳисоби мулкҳои ниммустақили болооби Зарафшон «Туманҳои Кӯҳистон» таъсис дода, он ба музофоти Зарафшон ҳамроҳ карда шуд. Марти 1877 А. генерал-губернатори ҳарбии водии Фарғона таъйин шуд. 19 фев. 1879 ба рутбаи генерал-лейтенант сазовор гашта, 4 нояб. 1883 фармондеҳи дивизияи 4-уми пиёдагард, с. 1886 фармондеҳи дивизияи 13-уми пиёдагард таъйин мегардад. А. аз с. 1870 узви ҳақиқии Ҷамъияти географии императории Россия буда, доир ба бекигарии Қаротегин асаре навиштааст. Дар он бори аввал маълумот оид ба Қаротегин: география ва таърихи кишвар, ҳокими он Музаффаршоҳ ва қӯшуни вай, рӯйхати деҳаҳо ва машғулияти аҳолӣ оварда шудаанд. Бо номи А. пиряхи нишебаи ҷанубии қ-кӯҳи Олой номгузорӣ шудааст (ниг. *Абрамов*), ки аз он д. Кӯксу – шохоби д. Сурхоб (шохоби д. Вахш) ибтидо мегирад. А. бо 9 орден ва яроқи тиллоии «Барои ҷасорат» мукофотонида шудааст.

Ос.: Записки о Каратегинском владении, составленная по расспросам. Изв. РГО, т.6, отд. 2, 1870. *М. Холов.*

АБРА́МОВ, пирях дар ҷануби қаторкӯҳи Олой, дар ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон (дар саргаҳи д. Кӯксу). Нуқтаи баландтарини пирях 4960 м буда, нуқтаи аз ҳама пасттаринаш 3366 м мебошад. Дарозиаш 9 км; масоҳ. 22,76 км^2. Пиряхро нахустин бор с. 1896 С. П. Коржинский тадқиқ кард. Солҳои 1933 – 34 онро гурӯҳи геологии Экспедитсияи тадқиқоти Помири Тоҷикистон бо сардории А. П. Марковский омӯхт. Аз с. 1967 дар назди пирях пойгоҳи доимӣ кор карда, ҳолати пиряхро меомӯзад. Ба шарафи олим ва генерали рус А. К. *Абрамов* номгузорӣ шудааст.

АБРА́МОВ Павел Дементевич (1911, вил. Волгогради Федератсияи Россия – 1968, ноҳ. Вахши Тоҷикистон), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1949). Коргари хоҷагии ҷангалпарварии ш. Мичуринск (1930 – 36), колхозчӣ, сардори звено ва раиси хоҷагии «Ленинград» (собиқ хоҷагии «Пешқадам»)-и ноҳ. Вахш (1936 – 68). Звено ва хоҷагии А. ба рӯёндани ҳосили баланди пахтаи маҳиннах ноил шуда буд. Бо ду ордени Ленин ва медалҳо сарфароз гардидааст.



АБРБАНДӢ, санъати гулпартоӣ бо танидани абрешим ва ресмоне, ки дар натиҷаи ҳамкории устоҳои нусхапарто, абрбанд, рангуборчӣ, кабудгар, қаткушо сурат мегирад. Дар А. нусхапарто тарҳи гули матоъро кашида, абрбанд, рангуборчӣ, кабудгар, қаткушо эҷоди ӯро амалӣ мекунанд. Нусхапартоӣ, абрбандӣ ва қаткушоӣ дар абрбандхона, рангдиҳӣ дар устохонаҳои рангубор ва кабудгарӣ сурат мегирад. Дастгоҳи А. аз ду чӯбчаи дарозиаш 1-метрӣ ва ду чуфт мехи чӯбини дарозиаш 1 – 1, 2 м, ки дар фосилаи 3 – 3,5 м аз ҳам ба фарш кӯфта шудаанд, иборат мебошад. Абрбанд ҷойи ранги аввали танидаро кушод гузошта, ҷойҳои дигар рангҳоро тавассути ресмони ғафси обногузар мебандад. Баъди ҳар як рангубор абрбанд ҷойи навбатии рангдиҳиро кушода, ҷойҳои рангдодаро мебандад. Зимни ҳар як рангмолӣ абрбанд ин амалро такрор менамояд. Гулҳои нақш табишҳои гуногун: сурх, сабз, зард, кабуд, сиёҳ ва ғ. дошта, ҳар яки он дар натиҷаи рангдиҳии навбатӣ ҳосил мегардад. Баъди А. ва рангдиҳӣ танидаро дар байни меҳҳои чӯбин таранг мекашанд. Танидаи нақшини чилашуда баъди теғкашӣ, гулбардорӣ, оҳардиҳӣ ва ғ. ба бофтан омода мешавад.

АБРЕШӢМ, нахест, ки аз пилла ҳосил мешавад. А. аз қадимулайём маълум аст. Дар Осиёи Марказӣ қариб 4 ҳаз. сол пеш кирмак парварида, А. истеҳсол мекарданд. Хитоиҳои қадим А.-ро бинобар устуворӣ ва бадоштӣ хеле қадр менамуданд. Пиллаи аз ҳама қадимтарин аз бошишгоҳҳои давраи неолити минтақаи шимолии Шанси (2200 – 1700 то м.) ва намунаҳои аввалини матои абрешимӣ дар яке аз дахмаҳои Хитоии Ҷанубӣ (475 – 221 то м.) ёфт шудаанд. Замонҳои қадим муғулҳо аз А. зиреҳ тайёр мекарданд, ки ҷанговаронро аз зарби тир муҳофизат менамуд. Нахи А. аз ду ғоз – сафедаҳои махсуси фиброин (70 – 80%) ва серитсин (20 – 30%) иборат аст. Серитсин моддаи часпак буда, наххои фиброинро мечаспонад. Дар таркиби нахи А. мум, равған (1 – 1,5%), намакҳои калий, натрий, калсий (1 – 1,5%) низ мавҷуданд. Нахи А.-и як пилла 400 – 1200 м дарозӣ ва

25 – 30 мкм ғафсӣ дорад. Ғафсии А. ба миқдори наҳҳои пилла, ки бо ҳам пайвастаанд, вобаста аст. А. нахи табиии протеинӣ мебошад. Сифати А. ба зоти кирмак ва ғизои он вобаста аст. А. сохти ҳуҷайравӣ надорад ва фарқи он аз диг. наҳҳо дар ҳамин мебошад. Дар мавриди буридан, шакли секунҷаро дорад. Ранги А. вобаста ба зоти кирмак сафед, зард, гулобӣ, сабз мешавад. Ранги табиии А. нисбатан камдошт буда, зуд мепарад. А. ба таъсири рӯшноӣ ва ишқор кам (дар маҳлули 5-фоизаи NaOH зуд вайрон мешавад), ба таъсири кислотаҳои минералӣ бештар тоб меорад. Дар ҳалкунандаҳои органикии муқаррарӣ ҳал намешавад. А. бадошт ва чандиру ҷилодор буда, хосияти хуби диэлектрӣ ва гарминогузаронӣ дорад. Матои абрешимӣ муносибати махсус мехоҳад. Онро дар маҳлулҳои ишқордор тар кардан ва шустан мумкин нест; зери таъсири бевоситаи нури офтоб ранги матоъ парида, ноустувор мегардад. А. дар саноати бофандагӣ, электротехника, авиатсия ва тиб истифода мешавад.Ниг. низ *Пиллакашӣ*, *Кирмакдорӣ*.

Ад.: Ахметшин Н. Х., Тайны Шелкового пути, М., 2002.

«АБРЕШИ́М», 1) ҷамъияти саҳҳомии кушода. Соли 1992 бо тақозои шароити нави иқтисодӣ бузургтарин корхонаи саноатии ҷумҳурӣ – Комбинати абрешими Хуҷанд ба ҶСК «Абрешим» табдил дода шуд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ корхона истеҳсолотро дар сатҳ ва ҳаҷми пешина нигоҳ дошта натавониста, қарор дод, ки дар баробари истеҳсоли абрешими хом, коркарди амиқи нахи пахта, истеҳсол ва фурӯши матоъҳои пахтагӣ, маҳсулоти дӯзандагиро низ ба роҳ монад. Саҳҳомони «А.» дар давоми с-ҳои 1992 – 2000 бо ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ 5 корхонаи муштарак ташкил карданд: «*Ҷавонӣ*», «*Сатн*» ва «*Абрешим*» (америкоӣ), «*Кабул – Тоҷик – Текстайлз*» (тоҷикию кореягӣ) ва «ВТ Силк» (тоҷикию ветнамӣ). 2) «Абрешим», ширкати ҳамноми тоҷикию америкоӣ, ки муассисонаш «А.» ва ширкати «Каррера» (ШМА) мебошанд. Соли 1998 (бо таносуби саҳмии «А.» – 35,4% ва «Каррера» – 64,6%) ба фаъолият оғоз кард. Соли 2004 «А.» ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Текстил-Сити» (бо таносуби саҳмии 42,6% ва 57,39%) табдил ёфт. Он нахи пахта, матоъҳои пахтагии дағал ва ранга, куртаҳои мардона ва бачагона, лифофаи рахти хоб, дастархон, сачоқҳои жаккардӣ ва ғ. истеҳсол мекунад. Муассиса бо мошинҳои маҳсулнокиашон баланди тамғаи СТБ, «Мартсоли», «Schlafhorst», YOUK VS4A, VOUK VS4A-E2 ва ғ. муҷаҳҳаз буда, дорои фабрикаҳои ресандагӣ, бофандагӣ, трикотажӣ, рангу пардоздиҳӣ, дӯзандагӣ ва диг. умури иловагӣ мебошад. Дар як сол 2000 т калоба, 7 млн метр матоъҳои пахтагӣ, 2 млн адад либос ва маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсол мекунад. Маҳсулоти ширкат ба Италия, ШМА, Кореяи Ҷанубӣ, Малта, Сан-Марино содир мешавад. *Н. Каримов.*

«А́БРИ БАҲО́Р», навъи санъати китобат ва усули оро додани саҳифаҳои китоб. Дар зарфи махсус шилми дарахтро бо рангҳои мухталиф ва ширеш омехта, бо ёрии мӯйқалам бо навбат (аз ранги баланд ба ранги паст) пош медоданд. Тавассути шонаи махсус ҳар гуна тасвирҳо ҳосил намуда, болои онро бо коғаз мепӯшонданд; баъди чанд дақиқа коғазро оҳиста гирифта аз як гӯшааш дар ҷойи соя меовехтанд, то ки моеи рӯи коғаз шорад ва он хушк шавад. Устоҳо аз хатҳои качу килеб ва гулҳои «А.» дар вақти тасвири ҳар гуна шаклҳои ҳандасӣ, растаниҳо, ҳатто порчаҳои шеърӣ низ истифода кардаанд. Гулҳои «А.», одатан, ба якдигар шабеҳ нестанд, лекин устоҳои моҳир қодир буданд, ки як нақшро якчанд маротиба бамавқеъ такрор кунанд. Ин навъи санъати китобат а-ҳои 16 – 17 дар Ҳирот хеле ривоҷ ёфта буд. Дар Табрез, Қазвин, Исфаҳон ва ғ. дастхатҳои бо санъати «А.» ородода вомехӯранд. Солҳои охир барои аз нав эҳё намудани ин санъати фаромӯшшуда кӯшишҳо шуда истодааст. *Н. Шарипов.*

А́БРИ О́ОРТ, абри курашакли системаи Офтоб, ки манбаи кометаҳои даврашон тӯлонӣ мебошад. Мавҷудияти А. О.-ро бори аввал с. 1932 астрономи эстонӣ Э. Эпик пешниҳод карда буд. Соли 1950 астрономи нидерландӣ Я. Х. Оорт ин назарияро асоснок кард ва ба шарафи ӯ номи А. О. гузошта шуд. Масофа аз Офтоб то ҳудудҳои А. О. тақр. 50 000 – 100 000 в.а. ё як с.р. аст. Массаи А. О. тақр. $3 \cdot 10^{25}$кг (ё 5,0 массаи Замин) буда, қариб 4,6 млрд. сол пеш ба вуҷуд омадааст ва якчанд триллион ядроҳои кометаҳо дорад. Унсурҳои А. О. аз яхпораҳои дар таркибашон об, аммиак ва метан мавҷудбуда иборатанд. Онҳо дар наздикии Офтоб ташаккул ёфта, зери таъсири қувваҳои ҷозибавии сайёраҳои бузург дар фазои кайҳонӣ паҳн гардидаанд. Ин қувваҳо баъзан кометаҳоро ба марказии Системаи Офтоб тела медиҳанд, ки эҳтимолияти бархӯрди онҳоро бо сайёраҳо зиёд мекунад. *А. Раҳмонов.*

АБРИКО́СОВ Алексей Алексеевич (25. 6. 1928, Москва), физики рус, дорандаи Мукофоти Нобелӣ (2003), акад. АИ Россия, доктори илмҳои физика ва математика. Дар Инти проблемаҳои физикӣ рисолаи номзадӣ (1951) ва рисолаи докторӣ (1955) ҳимоя кардааст. Соли 1965 А. роҳбари фак-ти физикаи назариявии муҳитҳои яклухт таъйин мешавад. Солҳои 1976 – 91 мудири кафедраи физикаи назариявии Ин-ти давлатии пӯлод ва хӯлаҳои Москва буд. Соли 1991 бо даъвати Лабораторияи миллии Аргонн (штати Иллинойс) ба ШМА меравад. Корҳои илмии А. асосан ба фавқунноқилҳои навъи дуюм бахшида шудаанд. Ин намуди фавқунноқилҳо хосиятҳои худро ҳатто дар майдони магнитии пуркувват (то 25Тл) нигоҳ медоранд. А. нишон дод, ки ин ҳодиса дар натиҷаи пайдошавии панҷараи доимии хатҳои магнитӣ, ки бо ҷараёнҳои ҳалқавӣ иҳота шудаанд, ба амал меояд. Чунин сохтор «панҷараи гирдбодшакли Абрикосов» номида шудааст. А. бо масъалаҳои электродинамикаи энергияҳои баланд, фавқунноқилият, ҳароратҳои паст, назарияи фавқушшороӣ ва ноқилҳо низ машғул шудааст. Соли 2003 ҳамроҳи В. Л. Гинзбург ва Э. Леггет барои «Корҳои асосӣ оид ба назарияи фавқунноқилҳо ва моеъҳои фавқушшоро» сазовори Мукофоти Нобелӣ гардид. А. дорандаи мукофотҳои Ленинӣ (1966), давлатии СССР (1982), Ландау (1989), Ҷон Бардин (1991), акад. АИ СССР (1987), узви АИ миллии ШМА, узви хориҷии Ҷамъияти шоҳии Лондон (2001), узви фахрии хориҷии Академияи илму санъати Америка (1991) мебошад.



Ос.: Методы квантовой теории поля в статистической физике, М., 1961; Methods of Quantum Field Theory in Statistical Physics Englewood Cliffs: Prentice Hall, 1963; Основы теории металлов, М., 1987. *М. Холов.*

А́БРИС (аз нем. abriss – очерк, нақша, тарҳ), 1) расми ангорӣ дар коғази шаффоф (плюре); давраи фаръии кор дар литографияи (чопи сангӣ) ранга. Ба маънои васеаш – тарҳ. 2) Дар геодезия нақшаи сатҳии ҳамаи объектҳои маҳал бо андозаҳо ва навиштаҷоти зарурии тавзеҳӣ. А. ҳангоми мураттабсозии нақшаҳои топографӣ, мав-

риди дар аксҳои аз осмон гирифташуда фарқ кардани нақшаҳои шабакаи геодезӣ истифода мешавад.

АБРО́Р (с. тав. номаълум – ваф. 1856), шоир ва хаттоти тоҷик. Аз Истаравшан. Падараш Муҳаммадсолеҳ низ шоир будааст. А. маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, сипас таҳсилро дар мадрасаи Хоҷаҷони Истаравшан давом дод. Ӯ чун донишманд ва шоир шӯҳрат доштааст. Дар санъати хаттотӣ низ машҳур гашта, дар навиштани ҳафт навъи хати ислимӣ (кӯфӣ, таълиқ, насх, зулф, райҳон, риқоъ ва настаълиқ) ҳунарманд будааст. Ашъори парокандаи А. дар баёзу ҷунгҳо оварда шудаанд. А. асосан шоири ғазалсаро буда, мусаддас ва мусамман низ эҷод кардааст. Намунае аз ашъори ӯ:

Ай гули тоза, ки бӯе зи вафо нест туро,
Хабар аз сарзаниши хори ҷафо нест туро.
Раҳм бар булбули бебаргу наво нест туро,
Илтифоте ба асирони бало нест туро.
Мо асири ғаму асло ғами мо нест туро,
Бо асирони бало раҳм чаро нест туро?!
Фориғ аз ошиқи ғамнок намебояд буд,
Моҳи ман ин ҳама бебок намебояд буд.

С. Султонов.

АБРО́Р ЗОҲИ́Р (Имомов Аброр Зоҳирович; тав. 15. 1. 1965, Сарбанд), нависандаи тоҷик. УДТ-ро хатм кардааст (1989). Ноиб ва мудири шӯъбаи комитети комсомолии вил. Қӯрғонтеппа (1989 – 92), муовини раиси Созмони ҷавонони ноҳ. Бохтар (1992 – 93), мудири шӯъбаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (1993 – 94), ёвари раис, сардори раёсати Иттиҳодияи «Тоҷиккино» (1994 – 99), сармуҳаррири ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём»-и Комитети телевизион ва радиои ҷумҳурӣ (1999 – 2000), директории телевизиони Тоҷикистон (2000 – 04), директори киностудияи «Тоҷикфилм» (2004 – 05), сармутахассиси шӯъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ (2005 – 07). Аз апр. 2007 директори Китобхонаи марказии шаҳриро ба номи А. Лоҳутӣ. Фаъолияти эҷодии А. аз нимаи с.-ҳои 80 а. 20 оғоз шуда дар матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ ҳикоёташ ба табъ расидаанд. Солҳои 90-ум қиссаю повестҳояш «Моҷарои хурд дар шаҳри калон» (1994), «Як рӯзи ҳаёт» (1995), «Дуроҳа» (1996), «Меҳмони нохонда» (1997), «Моҷарои қабр» (1997), «Васвасаи дунё» (1998) дар мач. «Садои Шарқ» нашр гардидаанд. Домани мавзӯи эҷодиёташ фарох аст. Дар услуби тасвиру тадқиқи бадеии воқеият ва офаридани образ баробари адабиёти пешину муосири тоҷик ба эҷодиёти адибони муосири русу Ғарб такя кардааст. Масъалаи ахлоқ дар осораш мавқеи махсус дорад. Як силсила қисса, ҳаҷвия ва романҳои А. «Мунтасир» (2001), «Бозгашт» (2002), «Мусофири ҷодаи ишқ» (2005), «Шикасти зулмот» (2007), «Ғуруби офтоб» (2008), «Мурофиа», «Бомдоди ишқ», «Беном», «Бармахида» (2009), «Ману ту ва фариштa», «Муҷассамаи ишқ», «Майдон» (2010) нашр гардидаанд. Муаллифи сенарияи филмҳои бадеии «Моҷарои хурд дар шаҳри калон» (1994), «Муҷассамаи ишқ» (2003), чандин силсилафилмҳои кӯтоҳ, намоишномаҳои телевизионист. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2000.



Ос.: Душанбе, Д., 2008; Рақс дар сояи девори оҳанин, Д., 2008; Бозии тақдир, Д., 2009; Дар чилди одам, Д., 2010; Чароғи мунаввар, Д., 2010. *М. Азизӣ.*

АБРОРӢ, навъи пиёз. Дар Ин-ти боғдорӣ ва сабзаваткории АИК Тоҷикистон (дар стансияи навъсанҷии Вахш) рӯёнда шудааст (С. Шамсуллоев, Т. Аҳмадов, Б. Сангинов). Дар Тоҷикистон аз с. 2009 мепарваранд. Навъи зудрас буда, ҳосилашро дар шароити иқлими водии Вахш 10 – 15 апр. ҷамъоварӣ мекунанд. Давраи нашви А. 217 рӯз аст. Даҳаи якуми сент. кишт карда мешавад (меъёри кишти тухмӣ 14 – 16 кг/га). Аз ҳар га 280 – 300 сентнер ҳосил медиҳад. Дар таркиби А. 9,3% моддаҳои хушк, 5,6% қанд, 9,9 мг% витамини С мавҷуданд. *Н. Камолов.*

АБРӮЙ (с. тав. номаълум – қатл тақр. с. 585), сарвари шӯриши бенавоёни Суғди Поён (Бухоро ва навоҳии атрофи он) дар с.-ҳои 80 а. 6 м. ба муқобили ҳокимони маҳаллӣ. Мувофиқи маълумоти таърихнигорон *Наршахӣ* ва *Нишопурӣ* шӯриши аввал дар Бухоро ва навоҳии он сар зада, сипас шӯришчиён Пайкандро тасарруф намуданд ва А. худро ҳокими Бухоро эълом кард. Аъёну ашрофи Бухоро ба Ҳафтруд фирор карданд. Хоқони турк Қарочӯрин ба мадади ашрофи Бухоро шитофт ва с. 585 бо сипоҳаш Бухороро забт кард, аксари шӯришгарон ва аз ҷумла сарварашон А.-ро ваҳшиёна ба қатл расонд.

АБСЕНТИ́ЗМ, дар ҳуқуқ ба нишонаи эътироз аз иштирок дар маъракаи интихобот ва овоздиҳӣ саркашӣ кардан. Дар бисёр мамлакатҳо бо сабаби ғайридемократӣ гузаштани интихобот ва иродаю манфиати халқро ба эътибор нагирифтани вакилон (намояндагон) шаҳрвандон аз иштирок дар интихобот сар мепечанд. Бо мақсади иштироки интихобкунандагонро дар интихобот таъмин намудан қонунҳои интихобот чорабиниро пешбинӣ мекунанд. Мас., мувофиқи банди 3 моддаи 48-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» интихобот дар ҳавзаи якмандатаи интихобот он гоҳ баргузорнашуда ҳисобида мешавад, ки дар он камтар аз нисфи интихобкунандагони ба рӯйхат дохилшуда иштирок карда бошанд. Дар асоси банди 2 моддаи 49 бошад, ҳамон номзад вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ интихобшуда ҳисоб меёбад, ки дар вақти овоздиҳии такрорӣ нисбат ба номзади дигар (дар сурати дар овоздиҳӣ иштирок кардани беш аз нисфи шумораи интихобкунандагони ба рӯйхат дохилгардида) бештар овози интихобкунандагонро гирифта бошад.

АБСО́РБСИЯ (лот. absorptio – ҷаббиш), аз омехтаи газҳо ба тавассути моеъ ҷаббида шудани модда. Ҳангоми А. ҷаббиш дар тамоми ҳаҷми абсорбент мегузарад. А. асоси як қатор усулҳои технологии истеҳсолоти майкашӣ мебошад. А.-и ангидриди сулфат аҳамияти калон дошта, дар майкашӣ ва истеҳсоли шарбат чун антисептик ва антиоксидант истифода мегардад. А. ва десорбсияи гази карбонат бо май равандҳои асосии истеҳсоли майҳои пурчӯш ва газнок мебошанд. Бисёр равандҳои асосии саноатӣ, мас., истеҳсоли кислотаҳои нитрат, сулфат ва оксалат, сода ва ғ. тавассути А. амалӣ мегарданд. А. ҳангоми аз омехтаҳои захрнок тоза кардани газ ва коркарди нефт, инчунин дар равандҳои физиологӣ низ корбаст мешавад. *Т. Идрисов.*

АБССИ́ССА (лот. abscissus – бурида-шуда), яке аз *координатаҳои* декартии нуқта, одатан бо ҳарфи *x* ишора карда мешавад.

АБСТРАКСИОНИ́ЗМ, санъати абстрактӣ (лот. abstractio – дур шудан, мавҳум, тасаввури номушаххас), санъати мавҳум, ҷараёни иртиҷоӣ дар рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва графика, ки хилофи реализм аст. Дар як қатор мамлакатҳо ох. а. 19 ва авв. а. 20 ба вуҷуд омад. А.-ро дар санъати тасвирӣ, «санъати бе ашё», дар кинематография «антифилм», дар адабиёти бадеӣ «антироман» ва ғ. меноманд. Асосгузорони А. санъаткорони голландӣ П. Мондриан, франсавӣ Р.



В. Кандинский. Композитсияи 218, с.1919.

Делоне, испанӣ Ф. Пикабия, рус В. В. Кандинский ва К. С. Малевич буданд. А. чун мафкура зуҳуроти фалсафаи фардӣ, субъективӣ ва таълимоти идеалистии «санъат барои санъат» мебошад. Тарафдорони А. вазифаҳои ҷамъиятии санъатро ба инобат нагирифта, эҳсосоти шахсии рассомро воситаи асосии тасвир ҳисоб мекунанд ва барои «озодии мутлақ» аз воқеият ва ҷамъият мекӯшанд. Ба фикри назариётчиёни А. санъат ҳақиқатро не, балки эҳсосоти субъективии санъаткорро ифода мекунад. Барои ҳамин, онҳо аз тасвири ҳаққонии ҳодиса ва чизҳои объективӣ даст кашида, дар санъати рассомӣ ба воситаи рангу доғҳо ва хатҳои гуногун, дар ҳайкалтарошӣ бо шаклҳои бемазмун, дар мусиқӣ бо садоҳои гӯшхарошу нофаҳмо эҳсосот ва афкори худро ифода мекунанд. А. типикунонии ҳақиқати объективӣ, шаклу анъанаҳои миллӣ ва моҳияти иҷтимоии санъатро рад намуда, диди эстетикиро (зебопарастиро) нодуруст шарҳ медиҳад ва инсонро аз дарки зебоиҳои табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ маҳрум месозад. Ҳоло А. дар зери таъсири равияҳои пешқадами санъати тасвирӣ мавқеи худро тадриҷан аз даст медиҳад. *Ф. Турсунзода.*

АБСТРА́КСИЯ (аз лот. abstractio – ҷудо карда гирифтан), таҷрид, як навъи фаъолияти тафаккур, ки зимни он фард (субъект) аз маҷмӯи хосиятҳо нишонаҳои асосии ашё (объект)-ро ҷудо карда гирифта, аз он мафҳум ва тасаввур месозад ва аломату хусусиятҳои дуюмдараҷаю камаҳамиятро сарфи назар менамояд. Мас., одам дар бораи ашёи монанду якхела фикр карда, аз бузургию андоза, шакл, ҳаракат, истифодаи онҳо дар ҳаёт ва ғ. дур шуданаш мумкин аст. А. маъмулан ҳангоми инъикоси ҳодисаҳои олами моддӣ пайдо мешавад. Он ҷиҳати назариявии образҳои воқеиро пурра мегардонад. Усули таҷрид усули умумии дониш аст. Он ҳам ба маънои субъективӣ (ҳама чизро ба мақулаи мантиқӣ гардондан) ва ҳам ба маънои объективӣ (ифодаи қонуниятҳои табиату ҷамъият) заминаи мантиқии фаҳмиши олами воқеӣ мебошад. Бе А. дониши илмӣ, тадқиқи моҳияту қонуниятҳои олами воқеӣ имконнопазир аст. А. ҳаду андоза дорад ва ҳудуди онро моҳияту табиати ашёи омӯхташаванда ва таҷрибаи инсон муайян мекунад. Аз ин ҳад гузаштан боиси аз воқеияти аслӣ дур шудани фикр ва ба вуҷуд омадани ҳар гуна хаёлот мегардад. А. шарти зарурии ташаккул ва инкишофи илму маърифати илмӣ мебошад. Меъёри ҳақиқӣ ва маҳсулнокии А. таҷриба аст. Дар кӯдак фаъолияти таҷридӣ аз фаъолияти таҷрибавии ӯ сар карда ташаккул меёбад ва дар синни мактабӣ қобилияти А.-кунонӣ меафзояд. Минбаъд зимни таҳлилу муқоиса ва диг. амалҳои зеҳнӣ қобилияти таҷрид тараққӣ ва инкишоф меёбад. А. дар раванди таълим норавшан ифода кардани фикр аст. Ғайр аз ин, А. дар таълим ба маънои мафҳуми муҷаррад, хосият ва нишонаҳои мушаххаси як ашёро аз худи ҳамон ашё ҷудо кардан низ меояд. А. дар якҷоягӣ бо диг. равандҳои фикрӣ роҳи дарк намудан ва кушодани қонуниятҳо мебошад. Чунки аз аломатҳои дуюмдараҷа ҷудо кардани хосияти асосӣ танҳо дар натиҷаи ба ашё аз рӯи вазифаҳои муайян ва мақсади мушаххас наздик шудан имконпазир мегардад. А. дар кори фикрии хонандагон дар ҳамаи даврахои аз худ кардани дониш, маҳорат ва малака мушоҳида мешавад.

АБТАРӢИ БАДАХШӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форсизабони Ҳиндустон (а. 16). Дар Бадахшон ба дунё омада, замони ҳукмронии Акбар (1556 – 1605) ба Ҳиндустон меравад ва ба хидмати дарбор дохил мешавад. А. Б. аз шоирони мутасаввиф, мӯътақиди таълимоти Ибни Арабӣ (1165 – 1240) буд. Тазкиранависон дар шеъргӯӣ маҳорату табъи равон доштани А. Б.-ро зикр кардаанд. Аз осори ӯ шеърҳои пароканда боқӣ мондаанд, ки онҳо дар маъхазҳои гуногун сабт гардидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Гуфтӣ: «Вафо кунем ба аҳбоб ё ҷафо?»
Эй шӯх, бандаи сухани аввалем мо.

* * *

Миёни олиму ҷоҳил ҳамин қадар фарқ аст,
Ки ӯ кашидаинон асту ин гусастамиҳор.

* * *

Ҷифаи дунё надорад пеши мо ранге, ки лаъл
Мешавад мурдорсанг аз дасти истиғноӣ мо.

Ад.: Абдулқодири Бадоюнӣ, Мунтахаб-ут-таворих, ҷ. 3, Калкатта, 1929; Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, ҷ. 1, Д., 1981. *А. Алимардонов.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ВАЛВОЛИҶӢ Муҳаммад ибни Валволичии Марвазӣ маъруф ба Навоеҳӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Аз сарчашмаҳои адабӣ бармеояд, ки вай дар аҳди Сомониён умр ба сар бурда, дар шоирӣ мартабаи баланд доштааст. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» менависад: «Дар аҳди Яминуддавла Маҳмуд ҷумлаи фузало хостанд, ки ду байти форсии ӯро ба тозӣ тарҷума кунанд, касеро муяссар нашуд, то он гоҳ ки Хоҷа Абулқосим – писари вазир Абулаббоси Исфароинӣ онро ба тозӣ тарҷума кард, чунонки ҳамаи фузало биписандиданд». Аз мероси адабии А. В. то замони мо ҳамагӣ ду порчаи шеърӣ (дар ҳаҷми 4 байт) боқӣ мондааст. Ин қитъа аз ӯст:

Симдандонаку басдонаку хандонаку шӯх,
Ки ҷаҳон он-к бари мо лаби ӯ зиндон кард.
Лаби ӯ биниву гӯй, ки касе зери ақиқ,
Ба миёни ду гул андар шакаре пинҳон кард.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958. *У. Тоиров.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ЗӮЗАНӢ Ҳусайн ибни Аҳмад (с. тав. номаълум – ваф. 1093), луғатнависи форс-тоҷик. Ба забони арабӣ аз айёми хурдсолӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Аз ин ҷост, ки дар баробари забони форсӣ ба забони арабӣ ҳам эҷод мекард. Ба муаллақот бо номи «Муаллақоти сабъа» шарҳ навиштааст. Китобҳои «ал-Луғат-ул-форсия» ва «ал-Масодир» (луғати дузабонаи арабӣ ба форсӣ) аз таълифоти ӯянд.

Ад.: Заҳрои Хонларӣ, Роҳнамои адабиёти форсӣ, Т., 1340 ҳ. ш.

АБУАБДУЛЛО́ҲИ МАЪСУМӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1059, Исфаҳон), файласуф ва фақеҳи форс-тоҷик. Шогирди Ибни Сино. Илмҳои замонаашро дар зодгоҳаш аз худ карда, пас аз шиносоӣ бо Ибни Сино донишу маҳораташро назди ӯ такмил дод. Ибни Сино дар бораи А. М. гуфтааст, ки ӯ дар назди ман бад-он мақомест, ки Арасту дар назди Афлотун буд. А. М. дар илмҳои табииёт, илоҳиёт ва фиқҳ дониши амиқ ва ҳаҷмониба дошт. Пас аз вафоти Ибни Сино ӯ дар Исфаҳон ба таълиму тарбия машғул шуда, шогирдҳои бисёреро ба камол расондааст. Ак-

сари муҳаққиқон мӯътақиданд, ки вақте Берунӣ ба Ибни Сино 18 савол фиристод, Шайхурраис ҷавоби он саволҳоро ба ихтиёри А. М. вогузоштааст. А. М. масъалаҳои мухталифи ҳикмати назарӣ ва амалиро таҳқиқ карда, асарҳои бисёре таълиф намудааст. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, ӯ роҷеъ ба ақл, нафс, маод ва афкори файласуфони пешин асарҳо эҷод кардааст. Мутаассифона, ҳатто номи онҳо то ба мо омада нарасидаанд. Ибни Сино «Рисолаи ишқ»-ро дар ҷавоби саволҳои ӯ нигоштааст.

Ад.: Султонов У., Муосирони Абуалӣ ибни Сино, Д., 1980. *У. Султонов.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ НАВОЕҲӢИ МАРВАЗӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва донишманди форсҷӯчик (а. 10). Бино ба маълумоти Муҳаммад Авфии Бухорогӣ фаъолияти шоириаш ба замони салтанати Сомониён (а. 10) рост меояд. Аз мероси адабии вай то замони мо ҳамагӣ як байт дастрас гардидааст, ки дар ҳақи мақоми баланди Кисоии Марвазӣ ва Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ суруда шудааст. Ин аст он байт:

Зебо бувад, ар Марв бинозад ба Кисой,
Чун он ки ҷаҳон ҷумла ба устоди Самарқанд.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958. *У. Тоиров.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ НОТИЛӢ, риёзидон, табиатшинос, файласуфи форсҷӯчик (а-ҳои 10 – 11), устоди Абуалӣ ибни Сино. А. Н. дар Бағдод таҳсил карда, дар фалсафаю адаб машҳур мегардад, пас ба Бухоро меояд. Бо ёрии А. Н. Ибни Синои ҷавон асари Порфирий «Муқаддимаи мантиқ», «Усули»-и Уқлидус, муқаддимаи асари Батлимус «Алмаҷастӣ»-ро меомӯзад. Асарҳои зеринро ба А. Н. нисбат медиҳанд: «Вуҷуд ва шарҳи исмиҳи» («Вуҷуд ва шарҳи номи он»), «Илми иксир» (кимиё). Ин асарҳо то замони мо боқӣ намондаанд. *М. Султонов.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ РӮДАКӢ,ниг. *Рӯдакӣ*.

АБУАБДУЛЛО́ҲИ РӮДАКӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Нури Вахши ноҳ. Ҷилликӯл. Аз А. то маркази ноҳия – деҳаи Ҷилликӯл 17 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2514 нафар (2009), асосан ӯзбекҳо, инчунин тоҷикон зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, ошхона ва 5 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ТИРМИЗӢ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн, маъруф ба Ҳакими Тирмизӣ (с. тав. номаълум – ваф. 908, Тирмиз), мутафаккири мутасаввиф ва таърихнигору муҳаққиқи дин. Аз кӯдакӣ ба омӯзиши илм шавқи бисёре дошт. Илмҳои замонашро назди машоиху олимони Тирмизу Балх омӯхта, бо суфиёни Хуросон ошноӣ пайдо кард. Дар 27-солагӣ ба мусофират баромада, муддате дар Басра иқомат гузид ва сипас ба Макка рафт. Зимни сафар бо баъзе машоихи суфияи Ҳиҷозу Ироқ низ ҳамсӯҳбат шуда, майли гӯшанишинӣ пайдо кард. Баъди аз сафар баргаштан вақти бештари худро ба риёзату муҷоҳада гузаронид ва дар гӯшаи узлат ба таълифи асарҳо пардохт. Ба А. Т. зиёда аз 126 асарро мансуб медонанд, ки муҳимтаринашон «Наводирул-усул», «Хатм-ул-вилоят», «Китобур-риёзат ва адаб-ун-нафс», «Аршул-муваҳиддин», «Китоб-ут-тавҳид» мебошанд. Ин асарҳо ба масъалаҳои илми калом, ҳадис, фиқҳ, тасаввуф, тафсир ва фалсафа бахшида шудаанд. А. Т. дар таълимоташ мақоми валиро аз набӣ баланд гузошт, ки ин боиси шӯру ғавғои мардум гардид ва ӯ маҷбур шуд ба Балху Нишопур сафар кунад. Вале баъзе муҳаққиқон мӯътақиданд, ки ӯ дар асл мункириин ақида аст, зеро дар «Наводирул-усул» аз авлиё мақоми бештар доштани анбиёро таъкид кардааст. Эҷодиёти ӯ ба ташаккулу такомули тасаввуф ва калом таъсири амиқ расонидааст. Таълимоти ӯро шогирдаш Абубакри Варроқ интишор додааст.

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ФАРОЛОВӢ Муҳаммад ибни Мусо (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Дар бораи айёми ҷавонӣ, рӯзгор ва таҳсилоти ӯ дар сарчашмаҳои адабӣ маълумот кам аст. А. Ф. шоири тавоно ва шӯхратманди аҳди Сомониён буд. Рӯдакӣ дар як байташ А. Ф.-ро ном бурдааст:

Шоир Шаҳиду шӯҳра Фароловӣ
В-ин дигар ба ҷумла ҳама ровӣ.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо А. Ф. соҳиби девони ашъор, маснавие дар баҳри хафиф будааст. Вале аз эҷодиёти ӯ то замони мо абёти пароканда аз қасоиду ғазалҳо боқӣ мондаанд. Шоир бутон – маъшуқаҳоро васф кардааст. Ба масъалаҳои панду ахлоқӣ, иҷтимоӣ рӯй овардааст. Дар ашъораш калимаҳову ибораҳои халқии марбути хоҷагиву барзгарӣ ва ғ. вомехӯранд. Абёти зерин аз ӯст:

На ҳамчун рухи хубат гули баҳор,
На чун ту ба некӯй бути татор.

***

Ё ба ғарбела ҳамчу барзгаре,
Дона аз каҳ ба чак бисозӣ соф.

***

Раво набвад, ки бо ин фазлу дониш,
Бувад шурбам ҳаме доим зи мундӣ.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ХОРАЗМӢ маъруф ба Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Юсуф Котибии Хоразмӣ (910, Балх – 1009, Хоразм), олим, мусиқашинос, таърихнигори форс-тоҷик. А. Х. дар зодгоҳаш Балх илмҳои маъмули замонашро омӯхта, барои такмили дониш ба Нишопур рафтааст. Дар он ҷо фаъолияти илмию адабии ӯ инкишоф ёфта, дар илмҳои фалсафа, бадеъ, мусиқӣ, риёзиёт, фалакиёт ва ғ. донишу малакаи тамом ҳосил кардааст. Ӯро Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (ҳукмр. 943 – 954) ба дарбор даъват мекунад ва фаъолияти илмию адабиаш асосан дар Бухоро вусъат меёбад. Асараш «Мафотеҳ-ул-улум» («Калиди илмҳо»)-ро дар Бухоро ба забони арабӣ навишта ба Наср ибни Исмоили Сомонӣ бахшидааст, ки бо номи «Қомус»-и Юсуфи Хоразмӣ низ машҳур аст. А. Х. дар охири умраш ба Хоразм рафта, дар он ҷо то охири умр зистааст ва тахалл. «Хоразмӣ»-ро интихоб карданаш низ аз ҳамин ҷост. Мероси илмию адабии А. Х. хеле ғанӣ мебошад. Ӯ аксари дастовардҳои фарҳангии замони худро дар «Мафотеҳ-ул-улум» баён кардааст. Донишманди эронӣ Ҳусайни Хидеви Ҷам китоби «Мафотеҳ-ул-улум»-ро ба забони форсӣ тарҷума кард, ки он с. 1969 ба тавассути Интишороти бунёди фарҳанги Эрон (чопхонаи Хоҷа, Теҳрон), ба табъ расид. *У. Тоиров.*

АБУАБДУЛЛО́ҲИ ҶУНАЙДӢ Муҳаммад (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а.10). Аз шоирони дарбори Сомониён. А. Ҷ. шоири қасидасаро буда, ба забони арабӣ низ шеър мегуфт. Абёти пароканда-аш дар тазкираҳо боқӣ мондаанд. Ин қитъа аз ӯст:

Шабгир, сабӯҳро зи сар гир,
Бар бонги хурӯсу нолаи зер.
Хуршед, ки барзанад сар аз кӯҳ,
Он беҳ, ки хӯрад зи ҷом ташвир.
Аз ҷом ба ҷома дар шабонгоҳ
В-аз ҷома ба ҷом рӯзу шаб гир.
Шир аст ғизои кӯдаки хурд,
Шир аст ғизои мардуми пир.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007. *У. Тоиров.*

АБУАБДУРРАҲМО́НИ МУОВИЯ́ ибни Суфиён (605 – 680, Димишқ), халифаи умавӣ ё банӣ умия. Фарзанди яке аз сардорони қабилаи Қурайш. Баъди ҷанги Макка (630), А. ба ислом рӯ овард ва муншии паёмбар шуд. Соли 634 ҳамроҳи Язид ибни Абусуфиён дар ҷанги Фаластин ширкат

варзид, баъдтар пас аз марги Язид аввал волии Фаластин ва сипас волии Сурия гашт. Баъди қатли Усмон (656) А. Алӣ ибни Абитолибро ба унвони халифа напазируфт ва с. 657 миёни ҳар ду халифа дар Сиффин набарде сурат гирифт. А. пешниҳод кард, ки масъалаи хилофат аз тариқи қузот ҳал шавад. Баъди қатли Алӣ (а) А. қудрат ёфт. Дар замони салтанати А. бист сол сулҳи дохилӣ барқарор гашта, ободониву футуҳот дар ҷаҳони исломӣ муваффақиятомез буданд. А. тарзи кишвардории румиҳо (византиягиҳо)-ро пеш гирифт. Ғолибан мушовиронаш масеҳиён буданд. Пойтахтро ба Димишқ кӯчонд. Шомро фатҳ намуд, ки он барои пешрафти хилофати араб таъсири муфиде дошт. Тиҷорат равнақ ёфт, вазъи сипоҳиён беҳтар шуд. Дар замони А. футуҳоти Эрон ва Осиёи Марказӣ оғоз гардида, сипоҳиёни А. с. 664 ба марзи сарҳади Ҷайҳун расиданд. Дар аҳди А. арабҳо то ба марзи Қустантанияи Византия расиданд, лек ин юриши онҳо бемуваффақият анҷом ёфт.

Ад.: Мец А., Мусульманский реннесанс, М., 1977; Большаков О. Г., Муавийа. // Ислам. Энциклопедический словарь, М., 1991; Таърихи ислом. Пажӯҳиши Донишгоҳи Кембриҷ, (тарҷумаи Аҳмади Ором), Т., 1377; Босворт К. Э. Силсилаи исломии ҷадид. Роҳнамои гоҳшуморӣ ва таборшиносӣ, (тарҷумаи Фаридуни Бадрай), Т., 1381. *Л. Бойматов.*

АБУАЛӢ БАЛХӢ Абуалӣ Муҳаммад ибни Аҳмад (с. тав. ва ваф. номаълум), насрнависи форс-тоҷик (а. 10). Аз нахустин адибонест, ки анъанаи шоҳноманависиро ба наср оғоз кардааст. Аз «Шоҳнома»-и А. Б. дар манобеи адабӣ, аз ҷумла «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ иттилоъ дода мешавад, вале худи асари А. Б. то замони мо нарасидааст. Аз маълумоти Берунӣ бармеояд, ки «Шоҳнома»-и А. Б. таърихи Эронзамин ва подшоҳони онро аз Каюмарс то охирин намояндаи сулолаи Сосониён – Яздигурд дар бар мегирифтааст, яъне «Шоҳнома»-и А. Б. мукаммал будааст.

Ад.: Берунӣ Абурайҳон, Осор-ул-боқия, Д., 1990. *М. Диловаров.*

АБУАЛӢ БАСРӢ Ҳасан ибни Хайсам (965 – 1039), табиатшинос ва риёзидони араб. Доир ба соҳаҳои гуногуни табиёт, риёзиёт, тиб ва фалсафа асарҳо таълиф кардааст. «Китоб-ул-манозир» («Оптика») ном асари ӯ с. 1572 бори нахуст ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Маълумоте, ки доир ба сохти чашм додааст, ба ақидаҳои илми муосир наздиканд. Ақидаи ӯ дар бораи бо ду чашм дидан ва интиҳо доштани суръати рӯшноӣ ҷолиби диққатанд. А. Б. инъикос ва шикасти рӯшноиро дар муҳитҳои гуногун тадқиқ ва ба зичии муҳит вобаста будани нишондиҳандаи шикастро муайян намуд. Инчунин кӯшиш кард, ки давомоти шафақро ба ҳисоб гирифта, дар асоси он баландии атмосфераи заминро муайян кунад. А. Б. дар «Китоб-уш-шарҳ мусодарат китоб-ил-Уқлидус фӣ-л-Усул» (Шарҳи муқаддимаи «Усул»-и Уқлидус) муқаддамоти (постулатҳои) Уқлидусро таҳлил ва масъалаи хатҳои мувозиро тадқиқ намуд. Чунончи, ӯ нишон дод, ки ду хати рости ҳамбур ба як хати рост мувозӣ шуда наметавонанд.

АБУАЛӢИ ҚАЛАНДА́Р, Буалии Қаландар, Шоҳ Шарафуддин Абуалӣ ибни Солори Фахруддин (1254, Понипати Ҳиндустон – 1324, ҳамон ҷо), шоири мутасаввифи форсизабони Ҳиндустон. Дар ш. Понипати Ҳиндустон таҳсили илм намуда ба камол расидааст. Ба тасаввуф майл намуд ва тариқаи Кутбиддин Бахтиёри Кокӣ ва Низомуддин Авлиёро ихтиёр намуд. Худаш баъдан аз пирони тасаввуф шуд ва оромгоҳаш дар беруни ш. Понипат зиёратгоҳ аст. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои адабӣ А. Қ. дар назму насри форсӣ, махсусан дар соҳаи тасаввуф таълифот доштааст. Ба қалами ӯ асарҳои «Номаи Шайх Шарафуддин», «Маҷмӯаи макотиб», девони ғазалиёт (600 байт; бо тахал. «Шараф»), маҷмӯаи рубоиёт, се маснавӣ – яке дар пайравӣ аз «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (1200 байт), ду маснавии дигар низ ба ҳамон вазн (238 байт, 362 байт) тааллуқ доранд.

АБУАЛӢИ МАРВАЗӢ ибни Ҳусайн (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Аз овони ҷавонӣ ва таҳсилоташ дар сарчашмаҳои адабӣ маълумот дода нашудааст. Тавассути тазкираҳо, аз ҷумла «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорӣ ду қасида ва чанд рубоии А. М. то замони мо расидаанд. А. М. дар мавзӯъҳои анъанавии адабиёти классикии форс-тоҷик, аз ҷумла панду андарз, масъалаҳои иҷтимоӣ, мадҳ ва ғ. асар эҷод кардааст.

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1333 ҳ. ш.

АБУАЛӢИ САРАХСӢ Зоҳир ибни Аҳмади Алфақӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, фақеҳи форс-тоҷик (а. 10). Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нест. Мувофиқи маълумоти асарҳои «Ҳолот ва суханони Шайх Абусаид», «Асрор-ут-тавҳид» Абусаиди Абулхайр дар назди ин шахс улуми динии ахбор, тафсир ва усулро омӯхтааст. Аз эҷодиёташ ғазале тавассути «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дастрас гардидааст. Абёти зерин аз он ғазал аст:

Дарой ҷоно, бо ман ба кор, агар ёрӣ,
Вагарна рав, ба саломат, на бар сари корӣ.
На ҳамраҳӣ ту маро, роҳи хеш гиру бирав,
Туро саломат бодо, маро нигунсорӣ.
Маро ба хонаи хаммор бар, ба-д-ӯ биспор,
Ниғар, маро ба ғами рӯзгор наспорӣ.
Набид чанд маро деҳ барои мастиро,
Ки сер гаштам аз ин зиракию ҳушёрӣ.

Ад.: Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3 – 4 – 5 ҳ. қ., Т., 1370 ҳ. ш.

Ш. Муҳаммадиев.

АБУАЛӢИ ЧАҒОНӢ (с. тав. номаълум – ваф. 955), яке аз ҳокимони Чағониён. Аз с. 939 надими сулолаи Сомониён дар Хуросон буд. Вақте ки с. 945 аз ноибӣ озод карда шуд, бар зидди амир Нӯҳ бо роҳи макру фитна шӯриш бардошта, Иброҳим ибни Симҷурро, ки ҷонишини нави амир буд, аз вазифа сабукдӯш гардонд ва аз Хуросон берун кард. Соли 948 амир бо А. Ч. шартномаи сулҳ баста ӯро пас ба вазифаи вазирӣ таъйин кард, лекин фурсате зиёд нагузашта қарори худро бекор намуд. Бинобар он А. бо ёрдами Бувайҳиён зиддияти наве алайҳи амир бархезонд, аммо худ маҷбур шуд дар замони салтанати Абдулмалик ибни Нӯҳ (954 – 961) рӯ ба гурез орад.

АБУАЛӢ АҲМА́Д ибни Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯҳтоҷ (с. тав. номаълум, Чағониён – ваф. 955, Нишопур), маъруфтарин амир аз хонадони *Оли Мӯҳтоҷ*. Сипаҳсолори Хуросон ва ҳокими *Чағониён* дар аҳди аморати Наср ибни Аҳмади Сомонӣ. Соли 929 ҳокими Балху Тахористон таъйин гардид, лекин ин вилоётро ба дасти писараш вогузошт. Соли 930 шӯриши амири Хуттал Ҷаъфар ибни Абудовудро пахш кард ва Наср ибни Аҳмади Сомонӣ с. 934 ӯро амир ва сипаҳсолори Хуросон таъйин намуд. Соли 940 *Моконӣ Кокӣ* алайҳи Сомониён дар Гургон қиём кард. А. А. сипоҳи ӯро муҳосира ва дар ҷанг Мокон кушта шуд. А. А. Рай, баъдтар вилоёти Ҷиболу Ҳулвонро тасарруф намуд. Аз с. 944 А. А. барои тасарруфи мулкҳои аздастрафтаи Сомониён иқдом кард. Бо вуҷуди талошҳои зиёди ӯ дар Эрони марказӣ амир Нӯҳи Наср ӯро аз аморати Хуросон азл намуд ва ба ҷои ӯ *Иброҳими Симҷур* ҳоким шуд. А. А. бо кӯмаки Иброҳими Сомонӣ (амаки Нӯҳи Наср) с. 946 ба тасарруфи Марву Бухоро шурӯъ намуд, ки дар натиҷаи он амир Нӯҳ ба Самарқанд ақиб нишаст, лекин баъд аз чанд ҷангҳои шадид

барои тахту тоҷ А. А. с. 951 султони Чағониён шуд. Амир Нӯҳ бар асоси тавофуқ ва аҳдномаи тарафайн А. А.-ро сипаҳсолори Хуросон таъйин карда, Райро низ бо имтиёзоти молиётиаш бар ӯ супурд. *Л. Бойматов.*

АБУАЛӢ ИБНИ СИНО́, ниг. *Ибни Сино.*

АБУАЛӢ МУҲАММАДИ СУРӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1046, Ғазна), ҳокими дастнишондаи *Ғазнавиён* дар вил. Ғури Афғонистон. *Маҳмуди Ғазнавӣ* с. 1030 ҳокими вил. Ғур Муҳаммади Суриро барканор кард ва ба ҷои ӯ писарашро нишонд. А. ҳар сол молиёти ҷинсӣ, аз қабили аслиҳаи ҷангӣ (ҷавшан, хӯд ва ғ.) ба султони Ғазна медод. Баъдҳо А. хоҳони истиқлол шуд. Соли 1046 бародараш ба исми Аббос бо кӯмаки сипаҳсолори Ғазнавиён Барстекин қалъаи ӯро тасхир кард ва ӯро ҳамроҳи писараш Яҳё ба Ғазна фиристод ва султон он ҳар дуро ҳукм ба қатл кард. Ғур дубора зери нуфузи Ғазна қарор гирифт.

АБУАЛӢ СИНО́ (номи пешинааш Имом), деҳа дар ҷамоати деҳоти Ванқалъаи ноҳ. Шуғнон. Аз деҳа то маркази ноҳия 93 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 323 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз чашмаи Имомдара обёрӣ мешаванд.

АБУАЛӢ СИНО́, қулла, нуқтаи баландтарини қ-кӯҳи Паси Олой (7134 м). Номи пештарааш Қуллаи Ленин. Дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон воқеъ аст. Қулла ва нишебиҳои он бо барфи доимию пиряхҳо пӯшида шудаанд. Қулларо с. 1871 А. П. Федченко кашф карда, қуллаи Кауфман номид (номи аслиаш Чӯл Айдар). 25 сент. 1928 иштирокчиёни Экспедитсияи советию германӣ А. Аллвейн, С. Шнейдер ва Н. Вин аввалин шуда қулларо фатҳ карданд ва ҳамон сол ба он бо декрети махсуси КИМ РАСС Тоҷ. номи В. И. Ленин гузошта шуд. Дафъаи дуюм (8 сент. 1934) қулларо кӯҳнавардони шӯравӣ В. Абалаков, К. Чернуха ва И. Лукин фатҳ карда, ба он муҷассамаи В. И. Ленинро баровардаанд. Бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон № 297 аз 4 июли с. 2006 ба қулла номи Абуалӣ Сино дода шуд.



Қуллаи ба номи Абуалӣ Сино дар Помир.

АБУАМӢР, Буамир (848, Рай – 923, Ҳамадон), ҳофиз ва машшоқи форсу тоҷик (ох. а. 9 – авв. а. 10). А. дар санъати сарояндагию навозандагӣ яке аз саромадони сабки хуросонӣ (бо номи «Хуросоник» ё «Хуросонихонӣ» низ маъмул аст) ва эътиқодманду тарғибгари суннати сарояндагиву навозандагии тоисломии эрониён (тоҷикон) буд. А. нозукиҳои санъати мусиқиро аз падараш омӯхтааст. Баъд барои такмили ҳунар ба Бухоро омада, ба мактаби Абулаббоси Бахтиёр (ваф. 920) шомил мешавад. А. гирдоваранда ва беҳтарин иҷрогари таронаҳои халқии мардуми Хуросон маҳсуб мешуд ва худаш дар вазну зарби осори мусиқии мардумӣ таронаҳои бисёри гуногунмавзӯъ эҷод намудааст. А. аввалин санъаткоре буд, ки таронаҳои халқии замонашро бо зарби хафиф (сабук) месуруд. Аз ин рӯ А.-ро «Абуамири Чакомагӯ» низ ном мебурданд. А. ба як зумра сарояндагону навозандагони давраш усули таронахонии хуросониро омӯзондааст. Санъаткорони номии а-ҳои 9 – 10 Ситтии Заррин, Абубакри Рубобӣ, Муҳаммади Рубобӣ ва диг. сабки ӯро идома додаанд.

Ад.: Раджабов А., К истокам таджикской музыкальной культуры в IX – X вв., дар кит. Абу Али Сино и его эпоха, Д., 1980; ҳамон муалл., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008.

А. Раҷабов.

АБУАҲМА́Д ХАЛА́Ф (с. тав. ва ваф. номаълум), амири Систон, солҳои ҳукмрониаш 963 – 988. Ӯ пас аз кушта шудани падараш бо кӯмаки волии Буст – Макҷул ҳукумати Систонро ба даст гирифт. А. Ҳ. дар ибтидои амораташ аз додани хироҷ ба умарои сомонӣ сар печид. Соли 964 А. Ҳ. сафари ҳаҷ кард ва фардеро бо номи Тоҳир ибни Абуалӣ Муҳаммад Тамим ба ҳуд ҷонишин таъйин намуд. Амир Тоҳир бар тамоми умури Систон мусаллат шуд ва вақти бозгашт А. Ҳ.-ро барои ворид шудан ба пойтахт монеъ шуд. Соли 965 дар Систон шӯрише рух дод ва Сомониён дар фурӯ нишондани шӯриш дар ин минтақа ёрии амалӣ намуданд. А. Ҳ. бо кӯмаки низомии амир Мансури Сомонӣ ҳукумати Систонро дубора ба дасти худ гирифт. А. Ҳ. пас аз истиқрор дар Заранҷ – пойтахти *Сафориён* сипоҳиёни амири Хуросонро боз гардонид. Баъд аз с. 982 А. Ҳ. аммият ва осоиши нисбиро дар Систон ва атрофи он барқарор кард. Вилоёти Зобулистону Ҳирот ва Кирмону Форс, Қойину Бушанҷ низ аз тобеони амир А. Ҳ. маҳсуб мешуданд. Авзои ошуфтаи дохилии давлатдории Сомониён, ки дар ох. а. 10 шиддат гирифта буд, дигар ба онҳо имкон надод, ки Систонро дар тобеияти худ нигаҳ доранд. Аморати амир А. Ҳ. ва ҷонишинони ӯ дар Систон то с. 1003, яъне то фатҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ барҷо буд. А. Ҳ. амири донишдӯст ва фазилатпарвар, дарбораш боргоҳи илм ва маърифат будааст. Чунончи бо супориши ӯ уламо ва фуқаҳои Систон тафсири Қуръонро дар 100 ҷилд фароҳам овардаанд ва амир А. Ҳ. 20 000 динори зар бар мусаннифон эҳдо кардааст. *Л. Бойматов.*

АБУАЙЮБ СУЛАЙМО́Н ибни Абдулмалик халифаи умавӣ аз хонадони Марвониён (ҳукмр. с-ҳои 715 – 717). А. С. сайъ мекард сиёсати хулафои қаблро идома бидиҳад ва бо ҳамлаи қатъӣ пойтахти Византия – Константинополро тасарруф намояд. Аммо ҳамлаи навбатӣ ҳам натиҷа надод, сипоҳи аъроб ба тавассути лашкари византиягиҳо ва булғорҳо шикаст дода шуд. Дар замони ҳукумати А. С. футуҳоти Испания, Эрон ва Осиёи Марказӣ идома меёфт. Сипаҳсолори араб Ибни Қутайба тавонист муҳимтарин вил-ҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр (Нишопур, Марв, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Чоч ва ғ.)-ро забт намояд. Дар ин солҳо ислом дар Синд низ паҳн шуда буд. Саъйи А. С. барои ба танзим даровардани сиёсати молиётии хилофат чандон муассир набуд. Шӯришҳои зидди аъроб саросари хилофатро фаро гирифтанд. Қутайба хост зидди халифа А. С. қиём кунад, вале ба тавассути сӯиқасд кушта шуд. Дар маркази хилофат низ ҳаракатҳои зидди халифа А. С. шиддат ёфтанд. Таърихнигорони исломӣ аз шахсияти А. С. ба унвони халифаи золим ва худхоҳе ёд кардаанд.

АБУБА́КР Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Омир ибни Амру ибни Каъб ибни Саъд ибни Таям ибни Мурра (тақр. с. 572/73, Макка – 23 8. 634, Мадина), нахустин халифа аз хулафои рошидин, тоҷири сарватманд ва бонуфузи Макка, дӯст ва аз аҳли саҳобаи Паёмбар (с). Падараш Абуқаҳофа Усмон (ваф. 645) ва модараш Уммулхайр Салмӣ бинти Сахр, бинти Амру, бинти Каъб. Баъзе номи А.-ро дар давраи ҷоҳилият Абдулкаъба ва гурӯҳе ҳам номи ӯро Атиқ гуфтаанд. Аммо бештари ривоёт «Атиқ»-

ро лақаби А. хондаанд, ки гӯё Паёмбар ӯро ба сабаби зебоии рӯяш «Атиқ» лақаб ниҳодааст. Лақаби дигари А. «Сиддиқ» будааст. Дар бораи зиндагонӣ ва аҳволи А. пеш аз ислом иттиллои кофӣ ва мутмаин то ба мо нарасидааст. Аммо шак нест, ки ӯ аз бузургон ва хирадмандони қабилаи *Қурайш* будааст. Тибқи ахбор А. аз овони ҷавонӣ ба бозаргонӣ шуғл варзида, барои интишори ислом ба Паёмбар кӯмакҳои молӣ низ кардааст. Гурӯҳе бар ин ақидаанд, ки А. аз ҷавонӣ бо Паёмбар (с) равобити дӯстона дошта, боре ҳамроҳи ӯ ба сафари Шом рафта будааст. Аммо ин ривоятро иддае аз мусташриқин рад намудаанд. Мусалламан А. яке аз наҳустин касоне аст, ки даъвати Паёмбарро пазируфтааст. Ба гуфтаи бархе аз муҳаққиқон, пас аз ин ки А. мусалмон шуд, ислом аз хонаи Паёмбар берун омад ва ба сабаби ҷойгоҳи волое, ки А. дар миёни қабилаи Қурайш дошт, чанд тан аз қурайшиён низ ба ислом гаравиданд. А. низ ба хотири ҳимоят ва таблиғи ислом аз ҷониби мушрикон мавриди озору шиканҷа қарор гирифт ва ногузир Маккаро тарк гуфт. Барҷастатарин воқеаи зиндагии А. ҳамроҳи Паёмбар (с) ба Мадина ҳиҷрат кардан аст, ки шаби панҷшанбеи аввали рабеъулаввали соли аввали ҳиҷрӣ (13 сент. 622) аз манзили А. оғоз гардида буд. Дӯстии А. бо Паёмбар (с) дар пояи хешутаборӣ устувор гардид; вай духтари худ – *Ойшаро* ба Паёмбар (с) ба занӣ дод. Ба гуфтаи баъзе таърихнигорони ислом А. дар Мадина як рӯз дар миён бо Паёмбар (с) дидор мекард ва бино ба ривоятҳо ӯ дар ҳамаи ғазавот (ғазавоти Бадр, Уҳуд, Ҳумроъ-ул-Асад, Банӣ-ан-Назир, Хандақ, Банӣ Қариза, Банӣ Лаҳён, Ҳадибия, Хайбар, фатҳи Макка, Ҳанин, Тоиф, Табук, Наҷд ва. ғ.) дар паҳлуи Паёмбар (с) буд. Бино ба ахбори таърихнависон А. дар ғазваи Бадр фармондеҳ ва маъмури нигаҳбони хаймаи Паёмбар (с) буд. Яке аз маъмуриятҳои муҳими А. аморати ҳаҷ дар соли нуҳуми ҳиҷрат ва иблоғи сураи «Бароат» аст. Гӯё Паёмбар (с) пас аз ғазваи Табук А.-ро ба унвони амирулҳоҷ равонаи Макка кард ва чун вай аз Мадина берун рафт, ба Паёмбар (с) сураи «Бароат» нозил шуд ва Расули Худо *Алӣ ибни Абитолиб*ро барои иблоғи он ба Макка фиристод. Охирин маъмурияти А. ва аҳсоби дигар ширкат дар сипоҳи Усома ба қасди Мӯътаи Шом аст. Тибқи ахбор, Паёмбар (с) чанд рӯз қабл аз вафоташ фармон дод, ки барои ғазо ба Рум омода шаванд. Ӯ Усомаро ба назди худ хонд ва фармондеҳии сипоҳро ба ӯ супурд. Аммо ҳаракати сипоҳ ба рағми таъкиди Паёмбар (с) ва ба сабаби ихтилофи назари саҳоба сурат нагирифт. Мувофиқи иттилои таърихнигорон ҳангоми шиддати бемории Паёмбар (с) А. дар масҷид ба ҷои расули Худо ба намоз истод. Намози А. дар рӯзҳои бемории Паёмбар (с) барои барҷастатар кардани ҷойгоҳи А. дар таърихи ислом ва ҷойгузинии хилофат нақши муассире доштааст. Мувофиқи ривояте А. ҳангоми марги Паёмбар (с) дар канори ӯ буда, дар масҷид вафоти Паёмбарро бо хондани оёте аз Қуръон таъйид намуд ва сипас барои баъйати умумӣ бар минбар нишаст. Гурӯҳи муҳоҷирон бо сарварии Умар хилофати А.-ро қабул доштанд, аммо ансориён (ниг. *Ансор*) бо сарварии Банӣ Саъд напазируфтанд. А. дар посух ба банӣ Саъд гуфт, ки агар байъат накунанд, дар он сурат бар нафъи Умар ё Абуубайд даст аз хилофат мекашад. Банӣ Саъд ва ансориён аз ин ки рақибони онон бартарӣ хоҳанд гирифт, бо хилофати А. байъат карданд. Ҳамин тавр, дар таърихи 9 июни 632 А. халифа – ҷонишини Паёмбар (с) эълом шуд. Муҳимтарин маъмурият ва иқдомоти А. дар солҳои аввали ҳукуматаш саркӯбии душманони ислом дар нимчаз. Арабистон буд. Қабилаҳои араб, ҳамин ки аз вафоти Паёмбар (с) огоҳӣ ёфтанд, шӯриш бардоштанд ва хатари бузурге ҷомеаи мусалмононро таҳдид мекард, ки давлати нав таъсисёфтаи исломӣ дар ҳоли фурӯпошист. А. қабилаҳо ва тоифаҳои бисёри арабро, ки аз итоат ба ислом сар печида буданд, дар муддати кӯтоҳ (ду – се моҳ) ба зери итоати худ даровард, ҳамчунин ошӯбҳои паёмбарони дурӯғинро, ки дар ноҳияҳои дурдасти Арабистон ба вуқӯъ пайвастанд, фурӯ нишонд. Наҳзате, ки мусалмонон ба он *Ридда* (бозгаштан аз дин) ном гузоштанд, ба-д-ин тартиб рангу бӯи динӣ бар худ гирифт ва ҳеч кас ба фикри бозгашт ба бутпарастӣ наяфтод. Вале дар амал, наҳзати Ридда ҷанбаи сиёсӣ дошт. Арабҳо бар бештари нуқоти Арабистон ба рисолати Паёмбари ислом гардан ниҳода буданд, вале дигар намехостанд, ки зери итоати Мадина бошанд ва ба халифа *закот* бипардозанд. А. пас аз фурӯ нишондани ошӯбҳои дохилӣ оҳанги тасарруфи Ироқ ва Шом намуд (ниг. низ *Хилофат*). Пас аз реҳлати Паёмбар (с) ва шаҳодати бисёре аз саҳоба мусалмонон барои ҷамъоварии Қуръони Карим беш аз пеш зарурат эҳсос карданд. Таърихнигорон ва уламои дин нақши А.-ро дар гирдоварии Қуръон бисёр муҳим ва арзанда донистаанд. Вай бо пешниҳоди Умар Зайдро барои ҷамъоварии Қуръон масъул намуд ва ӯ бархе аз сураҳо ва оятҳоро, ки дар пӯсти дарахти хурмо ва сангҳои сафед навишта ва миқдоре ҳифз шуда буданд, ҷамъ намуд. А. муддати кӯтоҳ ҳукумат кард ва бештари вақти ӯ дар ҷангу талошҳо гузашт. Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки вай ҳеч барнома ё низоми муҳиме бунёд наниҳодааст, аммо дар асл, дар замони ӯ муҳимтарин унсурҳои давлати араб (дини давлатӣ, байтулмол, девонҳо) шакл гирифт. Агарчи, «*Девони ато*» дар замони Умар бунёд ёфтааст, вале бар асоси иттиллоъ метавон гуфт, ки ҳамин гуна девон дар аҳди А. вуҷуд низ доштааст. Вай саъй мекард нишон бидиҳад, ки дар ҳукумат ва сиёсат пайрави Қуръон ва суннати Паёмбар (с) аст. Муаррихони исломӣ А.-ро баъд аз Паёмбар (с) ба унвони яке аз далертарин касон барои иҷтиҳод муаррифӣ кардаанд. Вай нисбат ба мушрикон бераҳм будааст. Тибқи тафсири таърихнигорони исломӣ А. марде баландқомат, лоғар, сапедчеҳра, бо пешонии барҷаста ва чашмони фурӯнишаста, бо риши андак буд, ки онро гоҳе бо ҳино ранг мекард ва ӯ зиндагии сода ва хоксоронае дошт, парҳез аз ҳар навъ зиёдахоҳӣ мекард. Ӯ то замоне, ки бар хилофат нишаст, бо ҳамсараш дар кулбаи аз шохаи хушки дарахти хурмо сохташуда зиндагӣ мекард. Дар тақсими байтулмол боадолат будааст. Ғолибан вайро марде нармхӯй ва хушбархӯрд гуфтаанд. Дар осори уламои исломӣ бахшҳое ба фазоил ва хасоиси А. низ ихтисос ёфтаанд. Тибқи васият А. дар паҳлуи Паёмбар (с) ба хок супурда шудааст.

Ад.: Большаков О. Г. Абубакр ас-Сиддик. // Ислам. Энциклопедический словарь, М., 1991; Таърихи ислом. Пажӯҳиши Донишгоҳи Кембрич. Тарҷумаи Аҳмади Ором, Т., 1377; Босворт К. Э., Силсилаи исломии ҷадид. Роҳнамои гоҳшуморӣ ва таборшиносӣ. Тарҷумаи Фаридуни Бадрай, Т., 1381; Олимзода Ҳодӣ, Абубакр. // Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1372. *Л. Бойматов.*

АБУБА́КР Ибни Абдуллоҳ ибни ибни Умар ибни Довуд ал-Воизи Сафиуддин ал-Балхӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), воиз, фақеҳ, таърихнигор ва мутарҷими а. 13. Дар бораи аҳвол ва осораш иттилооти кофӣ дар даст нест. Аслан аз Балх буда, бештар дар Хуросон умр ба сар бурдааст. Бархе бар ин ақидаанд, ки А. муаллифи китоби таърихии «Фазоили Балх»

аст ва он с. 1214 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Ниг. низ «*Фазоили Балх*».

АБУБА́КР МУҲАММА́ДИ ХУҶАНДӢ, Абубакр Муҳаммад ибни Собит ибни Ҳасан ибни Алии Хуҷандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, донишманди форс-тоҷик (ох. а. 11 – ибт. а. 12). Ба таҳсил дар зодгоҳаш шурӯъ намуд ва баъдан барои омӯзиши илмҳои мутадовили давр ба Самарқанду Бухоро рафт. Пас аз хатми таҳсили мадраса ба Марв омад ва ба ваъзгӯӣ машғул шуд. Дар баъзе маҷлисҳои ваъзи ӯ адибон, сиёсатмадорон аз қабили Низомулмулк, Авфӣ, Озар, Абубакри Қазвинӣ иштирок карда, ба маҳорати А. баҳои баланд додаанд. Низомулмулк ӯро барои кор ба мадрасаи Низомияи Исфаҳон даъват кард. Пас аз вафоти Низомулмулк ин мадраса дар ихтиёри А. монд. А. бунёдгузори хонадони Оли Хуҷанд мебошад, ки дар Исфаҳон тақр. 200 сол фаъолият доштанд. А. инчунин сарвари мазҳаби шофеӣ буд.

Ад.: Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.

АБУБА́КР РАБЕ́Ъ ибни Аҳмади Ахавайнии Бухорӣ (с. тав номаълум – ваф. тахм. 983/984), табиб. Кунияи ӯро «Абубакр», «Абуҳаким» зикр кардаанд. Бо номҳои Ахавӣ, Ахавайн, Аҷавайнӣ низ шӯҳрат ёфтааст. Роҷеъ ба рӯзгори А. Р. ахбори саҳеҳе дар даст нест. Аз матни асараш «Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тиб» бармеояд, ки А. Р. аз писишкони маъруфи асри хеш буда, тамоми умр ба табобат машғул будааст. А. Р. дар муолиҷаи молихулиё дасти тамом дошта, ба унвони «писишки девонагон» низ шинохта шудааст. Тибқи шаҳодате, ки аз асари номбурда бармеояд, маълум мегардад, ки А. Р. аз аҳли Бухоро будааст. Маъруфтарин асари А. Р. «Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тиб» буда, муаллиф дар он аз таҷрибаҳои беш аз 30-солаи худ ёд кардааст. А. Р. дар ин китоб борҳо ба навъи беморӣ ва номи беморони таҳти дармони худ ишора мекунад. А. Р. дар таълифи асари мазкур аз таҷрибаҳои бузургоне ба монанди Муҳаммад Закариёи Розӣ, Собит ибни Қурра, Яҳё ибни Мосуя, Ҷолинус, Буқрот ва диг. баҳра бурдааст.Ба қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва диг. уламои мӯътабар, «Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тиб», ки бо номи «Китоби ҳидоя» шӯҳрат ёфтааст, аз ҷумлаи китобҳои дарсии мутадовил дар асрҳои миёна маҳсуб мешудааст.

Ад.: Ахавайнии Бухорӣ, Рабеъ. Ҳидоят-ул-мутааллимин. Ба кӯшиши Ҷалоли Матинӣ, Машҳад, 1344; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 7, Т., 1377; Мероси Оли Сомон, Х., 2001; Низомии Арӯзӣ, Чаҳор мақола. Ба кӯшиши Муҳаммад Қазвинӣ ва Муҳаммад Муин, Т., 1333. *Н. Салимов.*

АБУБА́КРИ КУЛӮЙ (с. тав. номаълум – вафот. 1366, Самарқанд), яке аз роҳбарони шӯриши *Сарбадорон*и «Самарқанд». Дар вақти ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳр амирони Осиёи Миёна Ҳусайн ва Темур дар муҳорибаи назди Чирчиқ шикаст хӯрда ба Балх гурехтанд. А. К. бо ҳамроҳии Мавлонозода ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ муҳофизати Самарқандро ташкил намуда, хони муғулҳо – Илёсхоҷаро маҷбур кард, ки Самарқандро тарк кунад. Мудофиаи Самарқанд (1365) давоми шӯриши сарбадорон буд. Баҳори 1366 Темур ва Ҳусайн ба Самарқанд баргашта, шӯришро бераҳмона пахш карданд ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва А. К.-ро бо ҳилаю фиреб ба қатл расониданд. *Н. Юсупов.*

АБУБА́КРИ ҚАРОҶӢ Муҳаммад ибни Ҳусайн (с. тав. номаълум, Қароҷ – ваф. байни 1019 – 29, Бағдод), риёзидони форс-тоҷик. Муаллифи рисолаҳои «Китоб-ул-кофӣ фӣ-л-ҳисоб» («Китоби кофӣ дар ҳисоб»), «Китоб-ул-ҷабр ва-л-муқобала ва ҳува маъруф би-л-фахрӣ» («Китоби алҷабр ва алмуқобала, ки маъруф аст ба Ал-фахрӣ»; номи мухтасараш «Ал-фахрӣ» буда, тақр. с. 1010 навишта шудааст). Китоби аввал аз 70 боб иборат аст. 43 боби он ба ҳисоб, бобҳои 44 – 53 ба ҳандаса, бобҳои 54 – 70 ба алҷабр бахшида шудаанд. А. Қ. рисолаҳои Абукомили Мисрӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Муҳаммади Хоразмӣ ва «Арифметика»-и Диофантро мукаммал омӯхта, дар «Ал-фахрӣ» математикаи замонаашро такмил додааст. Қисми тарҷумаи франсавии ин рисола дар Париж маҳфуз аст. Аз А. Қ. ғайр аз асарҳои дар боло номбаршуда осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки «Мухтасар фи-л-ҳисоб ва-л-масоҳат» («Мухтасари ҳисоб ва масоҳат»), «Ҳисоб-ул-ҳинд» («Ҳисоби ҳиндӣ») ва ғ. аз қабили онҳоанд. Рисолаҳои А. Қ. дар таърихи инкишофи математикаи Шарқ роли муҳим бозидаанд ва ба тараққии математика дар Европа таъсири ҷиддӣ расонданд. *А. Комилӣ.*

АБУБА́КРИ НАСАФӢ (с. тав. номаълум – ваф. 915, Бухоро), нахуткотиб ва вазири муваффақи дарбори Сомониён. Аслу насабаш бар Моҳуя мерасад. Вай аз вузарои хушноми давлати сомониён ба шумор рафта, дар давраи ҳукмронии амир Исмоил ибни Аҳмад ва минбаъд дар аҳди Аҳмад ибни Исмоил ин шуғлро бар ӯҳда доштааст. Муаррихон сиёсат ва вазорати ӯро ифтихоромез ва мудабиррона нигоштаанд. *Л. Бойматов.*

АБУБА́КРИ РУБОБӢ (982, Марв – 1020, Ғазна), мусиқидон, навозанда, ҳофиз ва оҳангсози форсу тоҷик. Асосҳои ибтидоии шеъру мусиқиро дар зодгоҳаш фаро гирифта, сипас барои такмили дониш ва ҳунар ба ш-ҳои Бухорову Самарқанд рафт. Дар мактаби ҳунарии Бухоро асосҳои назариявӣ ва амалии мусиқиро омӯхт. Муддати зиёде дар Ғазна зист ва сарварии ҳунармандони дарбори султон Маҳмуди Ғазнавиро ба ӯҳда дошт. Дар сарояндагӣ пайрави сабки Абуамир буда, сурудҳои халқӣ (фаҳлавиёт)-ро хеле устодона мехонд. Мисли Абуамир сабки сарояндагии қадимии мардуми Хуросонро такмил додааст ва аҳли мусиқӣ ба ӯ номи фахрии «Хуросонгӯ»-ро додаанд. Дар сознавозӣ низ анъанаҳои қадимии ниёгони худро идома додааст. Аз ин рӯ ӯро бо унвонҳои «Бубакри Рубобӣ» ва «Мутриби Мовароуннаҳрӣ» низ ном мебурданд. Дар ҳунари музҳикӣ (мазҳака) ҳам истеъдоди хоса дошта, дар иҷрои асарҳои мазҳакавии мусиқӣ бештар комёб шудааст. А. Р. шогирдони зиёде тарбия намудааст, ки маъруфтаринашон Ситтии Заррин, Муҳаммади Хушнудӣ, Муҳаммади Қаввод, Андалеб, Абдурраҳмони Хонанда, Бобои Музҳик, Амири Музҳик, Нури Хонанда мебошанд.

Ад.: Раҷабзода А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008. *А. Раҷабов.*

АБУБА́КРИ ТЕҲРОНӢ ал-Исфаҳонӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), қозӣ, муншӣ ва муаррихи а. 15. Дар бораи аҳвол ва зиндагонии ӯ иттилооти кофӣ дар даст нест. А. Т. аслан аз Исфаҳон аст, вале нисбаи «Теҳронӣ»-и ӯ марбут ба қасабаи Терон – Каруни (Тирун) Исфаҳон аст, на ба ш. Теҳрон. А. Т. насаб аз ашрофи Исфаҳон дошта, дар ҳамин шаҳр касби илм кардааст. Дар соле, ки султони темурӣ Шоҳрух ба қасди саркӯб кардани шӯриши набераааш султон Муҳаммад Мирзо ба Исфаҳон рафт, бузургони ин шаҳрро ба ҷурм ва иғвои шоҳзода ба асорат гирифт, А. Т. низ аз ҷумлаи донишмандони маҳбус дар назди султон Шоҳрух буд. Пас аз марги Шоҳрух А. Т. озод шуд ва ба хидмати Муҳаммад Мирзо пайваст. Вай дар юриши Муҳаммад Мирзо ба Домғон (1457) ширкат варзид, А. Т. ӯро дар юришаш ба Хуросон (1458) низ ҳамроҳӣ кард ва пас аз тасарруфи Ҳирот дар мадрасаи Ғиёсия машғул ба тадрис шуд. Пас аз қатли

Муҳаммад Мирзо (1451), А. Т. ба хидмати шоҳзода Муҳаммадӣ (писари Ҷаҳоншоҳ) рафт ва сипас (1452) ба дарбори султон пайваст. А. Т. шахси донишманд буд, илми сиёсату девонсолориро накӯ медонист ва дар навиштани номаҳои расмӣ ба ду забон (форсӣ ва арабӣ) устод будааст. Чунончи, намунаҳои фармонҳои султон Узун Ҳасан, нома ба султони Миср, Пир Аҳмад Қароман-оғлӯ ва ғ., ки А. Т. тадвин кардааст, аз маҳорати баланди ӯ шаҳодат медиҳанд. А. Т. бо дархости султон Узун Ҳасанбек с. 1471 китоби «Таърихи Диёрбакрия»-ро иншо кард. Ин китоб ба забони форсии махлут ба забони арабӣ таълиф шуда, дорои иттилооти фаровон ва бикр дар робита бо таърихи сиёсӣ - иҷтимоӣ ва низомии силсилаҳои туркмани Оққуюнлу ва Қароқуюнлуи Эрон аст. *Л. Бойматов.*

АБУБА́КРИ ХОРАЗМӢ Муҳаммад ибни Аббос (935, Хоразм – 993, Нишопур), шоир ва донишманди арабизабони тоҷик. Падараш аз хоразмиён, модараш хоҳари муаррихи маъруф Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (839 – 923) будааст, аз ин рӯ ба вай лақаби Табархазӣ дода буданд. Бо мақсади омӯзиши амиқи улуми замон ва сайру саёҳат дар ҷавонӣ ба Ироқ, Сурия, Ҳалаб ва диг. кишварҳо сафар карда, бо донишмандону адибони он ҷойҳо вохӯрдааст. Пас аз сафарҳо ба Бухоро омада, ба хидмати дарбори Сомониён ворид шуд ва бо вазири Сомониён Абуалии Балъамӣ робитаи дӯстӣ барқарор намуд. Пас аз муддате ба Систону Шероз сафар кард; аз он ҷо ба Нишопур омад ва ба кори таълиму тадрис машғул шуд. Бо хонадони Бувайҳиён (ҳукмр. 935 – 1055) наздикӣ дошт, аз ин рӯ, ба таъқиботи вазири Сомониён Абулҳусайни Утбӣ (с-ҳои вазирӣ 977 – 986) гирифтор шуд ва ба ҷониби Исфаҳон назди Соҳиб ибни Аббод рафт. Пас аз вафоти Утбӣ боз ба Нишопур баргашт. Аз А. Х. маҷмӯае бо номи «Расоил» ва девони ашъор боқӣ мондааст. Дар «Расоил» номаҳои ба ашхоси гуногун навиштаи А. Х. фароҳам омадаанд. Онҳо барои омӯхтани таърих ва хусусиятҳои насри бадеии а. 10 аҳамияти калон доранд. «Расоил» дар Истанбул ва Бамбай ба табъ расидааст. Дар девони ашъори А. Х. қасидаҳо, ғазалҳо, марсияҳо, ҳаҷвияҳо ва ғ. ҷамъоварӣ шудаанд. А. Х. дар ашъори ҳаҷвиаш баъзе ҳодимони давлат, халифаҳои Аббосиён, ашхоси коҳилу муфтхӯрро мазаммат кардааст. Шоир хонандаашро ба азму субот, дурӣ ҷустан аз дӯстони риёиву рафтори ношоиста даъват менамояд.

Ад.: А б д у л л а е в И., Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X – начала XI веков, Ташкент, 1984. *А. Алимардонов.*

АБУДУЛА́Ф Мисъор ибни Муҳалҳил ал-Хазраҷии Янбӯӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳ ва географи араб. Дар чоряки авв. а. 10 ба Бухоро омада, с-ҳои 914 – 942 дар дарбори амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад хизмат кардааст. А. с. 942 бо ҳайати сафорати Хитой дар Бухоро ба саёҳати Туркистони Шарқӣ, Тибет, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон мебарояд. Асарҳои А. «Рисолат-ул-увло» («Рисолаи аввал») ва «Рисолат-ул-ухро» («Рисолаи охир») оид ба ҷуғрофияи таърихии кишварҳои Осиёи Миёна, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон маълумоти муҳим медиҳанд. Дар мероси адабии мардумони Шарқ аз забони А. ҳикояву ривоят ва латифаҳои зиёде нақл мешаванд. *А. Афсаҳзод.*

АБУЗА́БӢ, пойтахти Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва номи аморати алоҳида. Дар маркази мамлакат, дар соҳили халиҷи Форс, дар ҷазираи ҳамном, ки бо қитъа тавассути сарбанд мепайвандад, ҷойгир аст. Аҳолиаш 560 ҳазор наф. (2007). А. бандар ва аэропорти байналхалқӣ дорад. Аз ёдгориҳои таърихӣ дар А. Бурҷи соат ва қалъаи Ал-Ҳусн боқист. Маркази тиҷорат, нақлиёт ва танзими истихроҷи нефти мамлакат. Бонки исломии А. бузургтарин бонк дар ҷаҳон аст. Дар А. корхонаҳои



Хиёбон дар маркази шаҳри Абузабӣ.

мебелбарорӣ, истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ ва пластмасса, з-дҳои коркарди нефт, семент, коргоҳи киштисозӣ, донишгоҳ, палатаи савдо ва саноат мавҷуданд. Ҳар сол дар А. Намоиши байналхалқии силоҳ баргузор мешавад. Меҳмонхонаи «Байнуна Ҳилтон Тауэр» баландарин бинои А. (165 м) мебошад.

АБУЗА́ЙД (с. тав. ва ваф. номаълум), мутахаллис ба Абузайди Кошонӣ, ҳунарманд ва кошикори форсҷӯчик (ох. а. 12 – авв. а. 13). Аз осори ҳунарии А. баъзе намунаҳо мондаанд. Кошиҳои катибаҳо ва меҳроби ҳарами Имом Ризо дар Машҳад, маҷмӯи кошиҳои зебо ва як кошии тиллоии ситорашакли тасвирдор (Музейи Исломӣ, Қоҳира) ба А. тааллуқ доранд.

АБУЗА́ЙДИ БАЛХӢ Аҳмад ибни Саҳл (850, Балх, деҳаи Шомистиён – 934), ҷуғрофидон, мунаҷҷим, табиб ва забоншиноси форс-тоҷик. А. Б. фалсафа, нуҷум, илоҳиётшиносӣ, табиёт, тиб ва диг. илмҳои замонаашро аз файласуфи араб Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ омӯхтааст. Ӯ муаллифи тахминан 60 асари илмист. Аз ҷумла «Китоб фӣ фазилат-ил-улум-ир-риёзиёт» (Китоб оид ба фазилати илми риёзиёт), «Китоб-ун-наҳв-в-ат-тасриф» (Китоби сарфу наҳв»), «Ҳудуд-ул-фалсафа» («Ҳудуди фалсафа»), «Китоб масолиҳ ил-абдон ва-н-нуфус» («Китоби салоҳи баданҳо ва ҷонҳо»), «Китоб моясаҳ мин аҳкоми-н-нуҷум» (Китоб оид ба он чӣ саҳеҳ аст аз аҳкоми нуҷум»), «Китоб-ун-наводир фӣ фунуниш шатто» («Китоби нодир дар бораи як қатор фанҳо») ва ғ. ба қалами ӯ мансубанд. Асарҳои мазкур пурра то замони мо омада нарасидаанд. А. Б. оид ба география «Сувар-ул-ақолим» («Тасвири иқлимҳо») ном рисолае дорад, ки дар сарчашмаҳои мухталиф бо номи «Ашкол-ул-билод» («Сохти кишварҳо»), «Тақвим-ул-булдон» («Маълумотномаи кишварҳо») зикр гаштааст. Дар китоби мазкур доир ба кишварҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, инчунин қавму қабилаҳои дунё, харитаҳои гуногун маълумоти муфассали таърихию географӣ ва мардумшиносӣ оварда шуда, Замин ба шакли кура (доира) тасвир ёфтааст. Асари мазкурро (а. 10) бо иловаи баъзе маълумоти нав доир ба Форс, Хузистон, Ҳиндустони Шимолӣ Истахрӣ такмил дод. Пас аз



Харитаи ҷаҳон дар тасвири Абузайди Балхӣ.

ӯ Ибни Ҳавқал ба китоби А. Б. таҳрир даровардааст, ки он бо номи «Китоб-ул-мамолик ва-л-масолик» («Китоби мамлакатҳо ва роҳҳо») машҳур шуд. Китоб зиёда аз 20 харита дошта, як нусхаи он дар осорхонаи Британия маҳфуз аст. Дертар маҷмӯи ин харитаҳо бо унвони «Атласи исломӣ» машҳур гардидаанд.

Ад.: Крачковский И. Ю., избр. соч., т. 4. М. Л., 1957. *Ю. Малсев.*

АБУЗАКАРИЁИ МАНТИҚӢ Яҳъё ибни Удӣ (с. тав. номаълум – ваф. 974), мантиқшиноси машҳури асрҳои миёна. Дар Бағдод илмҳои замонаро аз Ибни Юнус ва Форобӣ омӯхтааст. Бино ба маълумоти Масъудӣ А. М. донишманди машҳури замонаш дар мантиқу фалсафа буд. Шеваи тафаккури эҷодии А. М. ба усули эҷодии Закариёи Розӣ шабеҳ буда, тамоюли зиддиарастуӣ доштааст. Дар яке аз рисолаҳояш «Қиёс»-и Арастуро рад намудааст. А. М.-ро ҳамчун мутарҷими осори фалсафию фарҳангии ҳакимони Юнон низ мешиносанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ӯ «Мақулот», «Мобаъд-ут-табиа», «Рисолаҳои софистӣ», «Саноати шеър»-и Арасту, «Аннавомис» ва «Тимей»-и Афлотунро тарҷума кардааст. «Тафсири Табарӣ» ва диг. осори аҳли каломро низ нусхабардорӣ кардааст. А. М. дар мантиқу фалсафаю тиб таълифоти бисёр дорад, ки муҳимтаринашон «Мақола фи-л-мавҷудот», «Мақола фӣ сиёсат-ин-нафс», «Рисола фи-радал-настурия», «Идда масоил фӣ китоби Исоғуҷӣ» ва ғ. мебошанд.

Ф. Сирочов.

АБУЗИРО́А Абузаръа, Муаммарии Гургонӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (ох. а. 10). Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» А. дар охирҳои салтанати Сомониён ба доираҳои адабии Бухоро роҳ ёфта, дар васфи ҳокимони сомонӣ қасидаҳои мадҳӣ навиштааст. Аз ашъори А. то замони мо ҳамагӣ 11 байт боқӣ мондаанд. Дар ашъори ӯ оҳангҳои рӯҳафтодагӣ ва ноумедӣ ҳис карда мешавад. Зоҳиран, носозиҳои рӯзгор ин шоирро хеле рӯҳафтода карда будаанд:

Чӣ пӯшӣ чавшани ғафлат, ки рӯзе
Ту бошӣ тири меҳнатро нишона.
Амал бо умрат андар неҳ ба меъёр,
Нигоҳ кун, то кучо гардад замона.

* * *

Ҷаҳоншиноҳта гаштам ба рӯзгори дароз,
Ниёзу ноз бидидам дар ин нишебу фароз.
Надидам аз паси дин ҳеҷ беҳтар аз ҳастӣ,
Чунонки нест пас аз кофирӣ батар зи ниёз.

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1333 ҳ. ш.; Забеҳуллоҳи Сафо, Таърихи Адабиёт дар Эрон, ч.1, Т., 1332 ҳ. ш. *У. Тоиров.*

АБУИБО́ДИ МУБА́Д Абуибод ибни Ваҳҳоб (688, Мозандарон – 743, Макка), ҳофиз, оҳангсоз ва машшоқи форсу точик. Аслан эронӣ буда, ҳангоми истилои арабҳо ба Макка омадааст. А. М. санъати сарояндагиро аз падараш меомӯзад. Ӯ аввал бе ҳамовозии созҳои мусиқӣ суруд мехонд. Дертар бо санъаткорони Хуросону Мовароуннаҳр ошноӣ пайдо карда, аз онҳо пешаи ромишгариро омӯхт ва ашъори арабиро бештар ба мизони оҳангу таронаҳои форсӣ мехонд. Дар сабки ичроӣ мӯътақид ба сабки эрониён буд ва худро ноқили сабки бостонӣ мешуморид. Дар ичрои достонҳои ҳамосӣ низ истеъдоди баланд дошт. Ӯ ба ш-ҳои Андалусия (Испания), Бағдод, Мадина ва Ҳичоз сафар карда, бо санъаткорони номии давраш Нашити Форсӣ, Ибни Ҷомей вомехӯрад ва маҳорати худро такмил медиҳад. А. М. яке аз асосгузорони мактаби мусиқии Макка аст.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар таманнуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, 2009. *А. Рачабов.*

АБУИБРОҲӢМ МУНТАСИ́Р, машҳур ба Исмоили Мунтасир (с. тав. номаълум – қатл 1005, деҳаи Маймурғ ноҳ. Рӯдбори Эрон), охирин амири сомонӣ аз сулолаи *Сомониён*. Солҳои 1000 – 05 ҳукмронӣ кардааст. А. М. бародари хурдии ду амири сулолаи Сомониён – Абдулмалик ибни Нӯҳ ва Мансур ибни Нӯҳ аст. Баъди он ки с. 1000 Эликхон амири сомонӣ Абдулмаликро аз аморати Бухоро маъзул намуд, тамоми хонаводаи ӯро асир гирифт, аммо А. М. аз ҳабс фирор карда, махфиёна ба Хоразм рафт ва он ҷо сарварон ва сипоҳиёни парокандаи сомониро дар атрофи худ гирд оварда. Минбаъд лақаби «Мунтасир» – ғалабаоварро соҳиб шуд. Сарлашкарони А. М. Арслони Болу ба Бухоро тохта, дар як шабохун тарафдорони Эликхонро аз шаҳр ронд. А. М. ба Бухоро баргашт ва аз тарафи мардум хуш истиқбол гардид. Эликхон аз пирӯзии А. М. огоҳӣ ёфта дубора бо лашкараш озими Бухоро шуд. А. М. ва Арслон сипоҳиёни худро аз Ҷайҳун гузаронда ба тарафи Абевард ва сипас ба Нишопур ақиб нишастанд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ сӯи Нишопур ҳаракат кард ва А. М. ба Гургон назди Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир паноҳанда шуд. Сипас А. М. ба Рай рафт ва аз он ҷо дигарбора бозпас Нишопурро соҳиб шуд. Ин бор Наср ибни Сабуктегин – бародари Маҳмуди Ғазнавӣ бо ёрии бародараш А. М.-ро шикаст дода то ҳудуди Гургон ронд. Пас аз ҳарбҳои пайдарпай дар наздикии Чоҳи Ҳуммоди биёбони Омулшатт А. М. ғофилгир шуд ва дар ҳалқаи муҳосираи туркон афтода, бо ҳамроҳонаш асир гашт ва ба Узганд фиристода шуд, вале дар манзилгоҳи Ибни Буҳайҷи араб ба биёбони Марв гурехт. А. М. рабеъулаввали (янв.) 1005 аз тарафи Абуабдуллоҳи Моҳрӯй, ки бундори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд, ба қатл расид ва кӯшишу саъйи А. М. барои барқарор намудани ҳокимияти сулолаи Сомониён муваффақият пайдо накард. А. М. ба илму адаб ҳам дилбастагии наздик дошта, шеърҳои некӯ эҷод кардааст, ки қисме то даврони мо расидаанд.

Ад.: Фрай Р. Н., Сомониён.// Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то омадани давлати Салчуқиён. Аз фурӯпошии давлати Сосониён то омадани Салчуқиён, мутарҷим Ҳасани Анӯша. Т., 1380; Ноҷӣ Муҳаммадризо, Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён, Т., 2007; Негматов Н., Государство Саманидов (Мовераннахр и Хорасан в IX – X веков), Д., 1977.

Л. Бойматов.

АБУИСҲО́ҚИ АТЪИМА́ Ҷалолуддин Ҳаллоҷи Шерозӣ маъруф ба Бусҳоқи Атъима ва Шайхи Атъима (с. тав. номаълум – ваф. 1423), шоири форс-тоҷик. Тахалл. Атъимаро ба сабаби дар бораи таомҳо шеър гуфтанаш интихоб намудааст. Дар зодгоҳаш – Шероз таҳсил ва зиндагиву эҷод кардааст. Бо касби ҳаллоҷӣ машғул буд. Дар шеъру шоирӣ истеъдоди баланд дошт. Дар девони ашъораш, ки то замони мо расидааст қасидаҳо, ғазалҳо, рубоиҳо, қитъаҳо, муфрадот, тарҷеъбандҳо, манзумаи «Канз-ул-иштиҳо», маснавии «Асрори чангол», достони «Музаъфар ва Буғро», рисолаҳои «Моҷарои Биринҷ ва Буғро», «Хобнома» ва ғ. фароҳам омадаанд. Маҷмӯи осори манзуми А. А. бо назардошти порчаҳои дар дохили осори мансур овардааш дар ҳудуди 1603 байт аст. Ба ғазали Ҳофизи Шерозӣ

Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро

чунин ҷавоб гуфтааст:

Ба пешам чун хуросонӣ гар орӣ саҳни буғроро,
Ба бӯи қаляш бахшам Самарқанду Бухороро.
Биринҷи зарди собунӣ агар дорӣ, ғанимат дон,
«Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро».
Чӣ оронӣ ба мушки заъфарон рухсори «Полуда»,
«Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо?»
Ҷамоли «Барраи бирён»-у хусни «Дунбаи кашкак»,
«Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони Яғмороро».
Ман аз он бӯи рӯҳафзо, ки «Гипо» дошт, донистам,
Ки зуд аз пардаи парҳез берун оварад моро.
Бигӯ Бусҳоқ васфи хӯшаи ангури мисқолӣ,
«Ки бар назми ту афшонад фалак инди Сурайёро».

А. А. ин равияи эҷодиро дар қолаби навъҳои дигари шеър, аз ҷумла рубоӣ, маснавӣ ва ғ. низ истифода кардааст. Бо ин роҳ ӯ мавзӯъҳои наву тозаро ба ашъораш ворид сохтааст. Иқдоми шоир дар тавсифи таому ғизоҳо ва муқобил гузоштани онҳо ба мавзӯъҳои анъанавии назми форсӣ-тоҷик як навъ навгонӣ буд. Чанде аз шоироне, ки баъд аз А. А. ба арсаи адабиёт қадам ниҳоданд, аз ҷумла Аҳмади Атъима, Қории Яздӣ, Савдо ва диг. ба А. А. пайравӣ кардаанд.

Ад.: Мирзоев А., Абуисҳоқ, Д., 1971.

АБУИСҲО́ҚИ ИСФАРОЙИНӢ Иброҳим ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум, Исфаройини Хуросон – 1027, Нишопур), мутакаллими *ашъария*, фақеҳи *шофеия*, тарғиботчии таълимоти ашъария дар Нишопур. Илмҳои замонашро дар зодгоҳаш омӯхта, с. 962 ба Бағдод омад ва дар он ҷо таълимоти каломи ашъарияро фаро гирифт. Сипас ба Нишопур баргашта, мадрасаи худро таъсис дод, ба шарҳу таъбир ва тарғибу ташвиқи каломи ашъария пардохт. А. И. роҷеъ ба фиқҳи шофеӣ ва каломи ашъарӣ асарҳои бисёре таълиф намудааст, ки мутаассифона аз байн рафтаанд. Вале иқтибосу ишораҳои бешумор ба онҳо аз нуфузу мартабаи баланди ӯ дар байни пайравони ашъария шаҳодат медиҳанд. Ба қавли ӯ, сифати фарқкунандаи Худо ҳастӣ мебошад ва маҳз ҳамин сифат ӯро аз тамоми коинот фарқ мекунонад. Ақидаҳои А. И. роҷеъ ба назарияи маърифат, нубувват, табиати Қуръон, афъоли инсонӣ ва ғ. аз таълимоти мутакаллимини ашъарӣ дида, ба афкори мӯътазила бештар қаробат дорад. *И. Саидов.*

АБУИСҲО́ҚИ КОЗАРУНӢ Иброҳим ибни Шаҳриёр (966, Козарун – 1034, ҳамон ҷо), мутафаккири мутасаввиф, мулаққаб ба Шайхи муршид. Бобояш зардуштӣ буд, падару модараш ба ислом гаравида буданд. Аҳли оилаи А. К. зиндагии фақиронае дошт. Аз хурдсолӣ ба омӯзиши улуми замона пардохта, дар кӯдакӣ Қуръонро аз ёд кард ва дар 15-солагӣ ба тасаввуф гаравид. Назди шайхи машҳури замонаш Ибни Баккор тасаввуфро омӯхт ва дар Шероз ба самои ҳадис пардохт. Бештари вақти худро ба ваъз ва нашру таълими ислом сарф мекард. Ин амали ӯ дар Козарун, ки бештар зардуштиён зиндагӣ мекарданд, мушкилиҳои бисёре ба вуҷуд овард. Зардуштиён борҳо ба А. К. сӯиқасд карданд. А. К. ба Шероз, Макка, Басра сафар карда, бо мутафаккирону суфиён сӯҳбат ороста, роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ирфонӣ баҳс кардааст. Охири умрашро дар зодгоҳаш гузаронидааст. Баъди вафоти ӯ силсилаи козарунӣ асрҳо давом кард ва пайравонаш таълимоти А. К.-ро идома доданд. А. К. аз аҳли риёзат буд. Доир ба бисёр масъалаҳои тасаввуф, аз ҷумла мақомоту аҳвол ва усули муҷоҳадаю мукошафа, назари ҷолибе баён кардааст. Фаридуддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» ӯро ҳамчун шахси донишманд, ягонаи аҳд, шамъи анҷуман ёд мекунад. Ҳикоёт ва риёзоташ дар китобе гирд оварда шудаанд, ки онро дар а. 14 Маҳмуд ибни Усмон бо номи «Фирдавс-ул-муршидия фӣ асрор-ис-самадия» ба форсӣ тарҷума кард. Тарҷумаҳои дигари он низ мавҷуданд. *У. Султонов.*

АБУИСҲО́ҚИ ҶӮЙБОРӢ Иброҳим ибни Муҳаммад (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Доир ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти шоирии ӯ дар тазкира ва асарҳои адабию таърихӣ маълумот хеле кам аст. Бино ба маълумоти Муҳаммад Авфии Бухороӣ, («Лубоб-ул-албоб»), вай аз мардуми Ҷӯйбор ном маҳаллаи Бухоро буда, дар замони ҳукмронии Сомониён зиндагӣ ва эҷод кардааст. Бо касби деҳқонӣ зиндагиашро таъмин менамудааст. Аз ашъори ӯ ҳамагӣ 7 байт боқӣ мондааст:

Бо абр пинҳон кард офтоби тобонро,
Ба сабза бинҳуфт он лолабарги хандонро.
Ба сӯи ҳарду маҳаш бар ду шох райҳон буд,
Ба шохи мӯрд бипайваст шохи райҳонро.
Буте, ки хастадилонро ба бӯса дармон аст,
Дареғ дорад аз ин дарддида дармонро.
Ба абри найсон монам кунун ман аз ғами ӯ,
Сазад, ки санъати хуб аст абри найсонро.
Ба як гузар, ки саҳаргоҳ бар гулистон кард,
Биҳишт кард саросар ҳама гулистонро.

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1333 ҳ. ш.; Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344, ҳ. ш.
У. Тоиров.

АБУҚОМИ́ЛИ МИСРӢ, Шуҷоъ ибни Аслам ибни Муҳаммад ал-Ҳосиб ал-Мисрӣ (тақр. 850 – 930), риёзидони маъруфи араб, ки ҳаёт ва фаъолияташ асосан дар ш. Қоҳира гузаштааст. Фаъолияти илмии А. М., асосан, ба илми ҳисоб бахшида шудааст ва аз ҳамин сабаб лақаби «ал-Ҳосиб»-ро соҳиб гаштааст. А. М. нахустин риёзидонест, ки баъд аз Муҳаммади Хоразмӣ доир ба алҷабр рисола навиштааст. Мероси илмии А. М. дар пешрафти илми математикаи замонаш нақши муайяне гузошта, рисолаҳои зеринаш дар китобхонаҳои гуногуни дунё маҳфузанд: «Китоб фӣ-л-ҷабр ва-л-муқобала» («Китоб дар ҷабр ва муқобала»), «Зароиф-ул-ҳисоб» («Тезфаҳмиҳои шумор (арифметика)»), «Мисаҳа ал-мухаммас ва-л-муъашар» («Ҳисобкунии панҷкунҷа ва даҳкунҷа»), «Ал-васойа би-л-ҷузур» («Васият ба воситаи решаҳо») ва «Китоб фӣ-л-ҷамъ ва-л-тафриқ» («Китоб дар бораи ҷамъу тарҳ»).

А. Комилӣ.

АБУЛАББО́С ибни Марвони Сарахсӣ (820, Марв, Сарахс – 899, Бухоро), олим, мусиқишиноси форс-тоҷик. Асосҳои илмҳои замонаашро дар зодгоҳаш аз падараш омӯхт. А. аз овони ҷавонӣ ба омӯхтани илмҳои риёзӣ, шеър ва мусиқӣ машғул шуда, заминаҳои амалӣ ва назариявии мусиқиро аз донандагони мусиқӣ (Алии Бармакӣ, Муҳаммади Мадинӣ) таълим гирифт. Ӯ ба марказҳои фарҳангии хилофат – Бағдод, Димишқ, Басра сафар намуда, муддате дар фарҳангистони ҳунари Бағдод аз асосҳои назариявии мусиқӣ дарс дод. Муаллифи «Китоб-ул-ағонӣ» Абулфараҷи Исфаҳонӣ ва дигарон аз ӯ илми мусиқӣ омӯхтаанд. А. охири умр ба Бухоро омада, дар мадрасаҳо аз илмҳои дақиқ ва дуниявӣ дарс медод. Ӯ оид ба мусиқӣ рисолаҳои «Китоб-ул-мадхал-ил-илм-ал-мусиқӣ», «Китоб-ут-тараннум», «Китоб-ул-мусиқӣ ва-ш-шеър» тасниф кардааст. Ба гуфтаи Ибни Абуусайба («Уйюн-ул-анбаъ») А. дар рушди мусиқии назариявии Моваруннаҳр, Хуросон, эҷоди асарҳои Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Зайла ва диг. таъсири назаррас доштааст.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБУЛАББО́С Маъмун ибни Маъмуни Хоразмшоҳ (с. тав. номаълум – 1017 Гурганҷ), сеюмин фармонфармои Хоразм аз хонадони Маъмуниён. Баъд аз вафоти бародараш ба тахти салтанат нишаст. А. сиёсати созишкоронае бо Ғазнаро пеш гирифт ва иртиботаш бо султони Ғазна мустаҳкамтар шуд. А. дар натиҷаи исёни гурӯҳҳои зидди Маҳмуди Ғазнавӣ, ки аз сиёсати А. норизо буданд, кушта шуд. Баъд аз марги А. шӯришиён бародарзодаи А. Абулҳорис Муҳаммад ибни Алиро ба тахт нишонданд. Ба ин тартиб ҳукмронии сиёсии хонадонҳои маҳаллӣ аз Хоразм барафтод.

АБУЛАББО́СИ АББОСӢ Абулаббос (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). А. А. аз аҳли Моваруннаҳр буда, дар ҳамин диёр касби камол намудааст. Аз ӯ ҳамагӣ 66 байт боқӣ мондаанд, ки аз фарҳангҳо, «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ ва диг. сарчашмаҳо ҷамъоварӣ шудаанд. Абёти боқимондаи А. А. пораҳо аз

қасоид, ғазалҳо, қитъаҳо, рубоиҳо ва маснавиҳоянд. Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори ӯ васфи ёр – маъшуқа, баёни ҳасби ҳол, мадҳ, ҳаҷв ва ғ. мебошанд. Аз ҷиҳати сабк, тарзи нигориш, истифодаи вожаҳо ва ғ. ашъори А. А. ба нигоштаҳои Рӯдакӣ монанданд. Аз ин ҷост, ки фарҳангнависон дар асарҳои худ (мас., «Луғати фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ») дар нисбат додани абёти ин ду шоир иштибоҳ кардаанд. Абёти зерин аз А. А. мебошанд:

Гар кунун бори маро марг ҳаме хушк кунад,
Бими он аст, ки маро ласк нахоҳад задано.
***
Зи хону мону қаробат ба ғурбат афтодам,
Бимондам он ҷо бе созу баргу ангишто.
***
Табоеъ гар сутуни ту, сутунро ҳам
бипӯсад бун,
Напӯсад он сутун ҳаргиз, к-аш аз тоат
занӣ коза.

Ад.: Афсаҳзод А., Одамушшуаро Рӯдакӣ, Д., 2003; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

АБУЛАББО́СИ БАХТИЁР Устод Абулаббоси Мутриб (872, Марв – 920, Бухоро), сароянда, навозанда ва мусиқидони тоҷик (нимаи дуюми а. 9 – авв. а. 10). Дар Бухоро зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аз овони ҷавонӣ ба илми Юнону Араб рағбат зоҳир карда, дар муддати кӯтоҳ илмҳои даврашро аз худ намудааст. А. Б. чун устоди барбат дар аҳди Сомониён шӯҳрати беандоза пайдо мекунад ва бо роҳбарии ӯ дар Бухоро мактаби мусиқӣ таъсис меёбад, ки дар он худ аз назарияву амалияи илми мусиқӣ дарс мегӯяд. Мувофиқи маълумот А. Б. барои ин мактаб чандин асарҳои таълимӣ иншо намудааст ва илова аз китобҳои ҷудогонаи мусиқии Птолемей ва Евклид таълим додааст. Махсусан ба «Ритмиқус»-и Уқлидус, «Қонунҳо»-и Аристоксен ва «Ритмиқус»-и Никомахус тафсир навиштааст, ки минбаъд Абунасри Форобиву Ибни Сино аз он баҳра бардоштаанд. Зери сарпарастии ӯ мусиқидонону навозандагон ва сароядагон Ҳобони Нойӣ, Мударники Нойӣ, Исои Барбатӣ, Лӯкарии Чангӣ, устод Рӯдакӣ мусиқӣ омӯхтаанд. Махсусан, дар камолоти эҷодии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нақши муассир доштааст.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБУЛАББО́СИ ИМОМӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (ох. а. 10 – ибт. а. 11). Оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ маълумот хеле кам аст. Аз ашъори ӯ дар фарҳангҳою китобҳои шеър абёти пароканда боқӣ мондааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-Мӯъҷам» дар мавриди ҳарфи равии қофия ин ду байти ӯро мисол овардааст:

Ду чашмак пур зи банди чашмбандон,
Ду ёкут ҳамеша ханд-хандон.
Яке мар тандурустонро ғаму дард,
Якеро сӯи дарди дардмандон.

У. Тоиров.

АБУЛАББО́СИ ҚАССО́Б Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулкарими Омулӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири мутасаввифи форс-тоҷик (а. 10). Аз машоихи машҳури замонаш буд. Ба қассобӣ рӯз мегузаронид. Дар хонақоҳи ӯ, ки дар Омул ҷой гирифта буд, суфиёни машҳуре чун Абусаиди Абулхайр, Абулҳасани Харақонӣ рафтуомад доштаанд. Аз осори А. Қ. баъзе намунаҳо тавассути осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ («Номаҳо», «Тамҳидот») боқӣ мондаанд. Порчаи зерин аз навиштаҳои ӯст:

Дар дидаи дида дидае бинҳодем
В-онро зи раҳи дида ғизо медодем.
Ногоҳ зи сари кӯйи ҷамол афтодем,
Аз дидаву диданӣ кунун озодем.

Ад.: Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3 – 4 – 5 ҳ. қ., Т., 1370 ҳ. ш.

Ш. Муҳаммадиев.

АБУЛАББО́СИ ЛУКАРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва донишманди форс-тоҷик (а. 11). Дар Лӯкар (яке аз деҳоти Марви ҳамон давра) ба дунё омада, ҳамон ҷо касби камол намудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ ва илмӣ А. Л. шоири баркамоли давраш ба шумор мерафтааст ва девони ашъор доштааст, вале девони ашъораш то ҳол дастрас нагардидааст. А. Л. донишманди маъруфу донандаи илмҳои ҳикмат (фалсафа), мантиқ, табииёт, риёзиёт, илоҳиёт, ахлоқ буд. Ба шарофати А. Л. илми ҳикмат дар Хуросон ривоҷи бештаре ёфт ва ӯ дар ин бобат шогирдони зиёде дошт, ки яке аз онҳо шоир Қаттони Марвазӣ буд. А. Л. осори илмиашро ба забонҳои форсӣ ва арабӣ эҷод мекард. Дар илми мантиқ ӯ асаре дорад бо номи «Баён-ул-ҳақ биз-замон-ис-сидқ» («Баёни ҳақиқат бо замонати ростӣ»). Дар қасидаи «Асрор-ул-ҳикмат» (иборат аз 5 қисм) доир ба соҳаҳои илм – мантиқ, табииёт, риёзиёт, илоҳиёт, ахлоқ шарҳ навиштааст. Аз А. Л. чун донандаи илми нуҷум низ ёд мешавад. Ӯ ҳам роҳи Умари Хайём дар таҳияи «Зиҷи Маликшоҳӣ» иштирок кардааст.

АБУЛАББО́СИ МАРВАЗӢ, Аббоси Марвазӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 9). Муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят А. М.-ро дуюмин шоири форсизабони баъдиисломӣ дониста, зикр менамояд, ки с. 809, ҳангоми ба Марв омадани халифаи араб Абулаббос Абдуллоҳ Маъмун (796 – 833) дар мадҳи ӯ ба забони форсӣ шеъре навишта тақдим карда будааст. Аз мероси адабии А. М. то замони мо ҳамагӣ 4 байти як қасида боқӣ мондааст:

Ай расонида ба давлат фарқи худ бар
Фарқадайн,
Густаронида ба фазлу ҷуд дар олам ядайн.
Мар хилофатро ту шоиста чу мардум дидаро,
Дини Яздонро ту боиста чу рухро ҳар ду айн.
Кас ба-д-ин минвол пеш аз ман чунин шеъре
нагуфт,
Мар забони порсиро ҳаст то ин навъ байн!
Лек аз он гуфтам ман ин мидҳат туро то ин
луғат,
Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн.

Ад.: Захрои Хонларӣ, Раҳнамои адабиёти форсӣ, Т., 1340 ҳ. ш.

У. Тоиров.

АБУЛАББО́СИ МУСТАҒФИРӢ, номи пурраш Насафии Самарқандӣ Ҷаъфар ибни Абуалӣ Муҳаммад ибни Абубакр (961 – 1041, Насаф), таърихнигор, адиб, муҳаддис ва фақеҳи машҳур. Дар «Китоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ омадааст, ки А. М. муддате чанд дар Марв, Сарахс, Нишопур, Бухоро ва Самарқанд умр ба сар бурдааст. Аз с. 987 дар масҷиди ҷомеи Насаф амри маъруф мекардааст. Дар охири ҳаёташ пешвои имомхатибони Насаф буд. Асарҳои «Китоби таърихи Самарқанд», «Китоби таърихи Насаф ва Кеш» (2 ҷилд), «Китоб-уш-шеър ва-ш-шуаро», «Китоб-ул-вафо», «Китоби далоил ан-нубувва», «Китоб-уддаъавот», «Китоб хутаб-ин-набиино», «Китоби тибб-ан-набиийа» аз таълифоти А. М. мебошанд.

АБУЛАББО́СИ НАЙРЕЗӢ Абулаббос Фазл ибни Хатим (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 922, Найрези Шероз), ҳайатшинос ва риёзидони араб. Дар Бағдод, дар дарбори халифаи аббосӣ Мӯътазид (ҳукмр. 822 – 903) кор ва эҷод кардааст. Соҳиби таълифоти бисёрест, амсоли «Зиҷ-ул-кабир», «Самт-ул-қибла», «Китоби тафсир», «Китоб-ул-арбааи Батлимус» ва ғ. Китоби «Эҳдос-ул-ҷав»-ро ба номи халифа Мӯътазид таълиф кардааст. Ибни Надим дар «Ал-Феҳрист» менависад: «Найрезӣ дар илми нуҷум ва ҳайат ангуштнамо буд». Берунӣ дар «Қонуни Масъудӣ» ва «Осор-ул-боқия» ба асарҳои илмии ӯ баҳои баланд додааст. А. Н. доир ба устурлоб ва ҳаракати сайёраҳо рисола таълиф намуда, ба «Ибтидо»-и Уқлидус (Евклид) ва асарҳои Батлимус (Птолемей) шарҳ навиштааст, ки онро Герардои Кремонӣ (1114 – 87) ба лотинӣ тарҷума кардааст. Як нусхаи

ин тарҷума дар китобхонаи Лейпсиг маҳфуз аст.

АБУЛАББО́СИ РАБАНҶАНӢ Абулаббос Фазл ибни Аббос ё Шайх Абулаббос Фазл ибни Аббоси Рабанҷании Бухорой (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Давраи ҷавонӣ ва ибтидои фаъолияти шоирии ӯ дар Рабанҷан ном мавзеи сарзамини онвақтаи Суғд гузаштааст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» зикр мекунад, ки А. Р. баъди дар шоирӣ ном баровардан ба доираи адабии дарбори Сомониён роҳ ёфт. Аз мероси адабии ӯ то замони мо ҳамагӣ 6 байт боқӣ мондааст, ки пораи марсияе ба марги амири Сомонӣ – Наср ибни Аҳмад (914 – 943) мебошад:

Подшоҳе гузашт хубнажод,
Подшоҳе нишаст фаррухзод.
З-он гузашта замониён ғамгин,
З-ин нишаста ҷаҳониён дилшод.
Бингар акнун ба чашми ақлу бигӯ
Ҳар чӣ бар мо зи Эзид омад, дод.
Гар чароғе зи пеши мо бардошт
Боз шамъе ба ҷойи ӯ бинҳод,
В-ар Зуҳал наҳси хеш пайдо кард,
Муштарӣ низ доди хеш бидод.

Ад.: Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Чаҳор мақола, Д., 1986.

У. Тоиров.

АБУЛАББО́СИ САЙЁРӢ Қосим ибни Абдуллоҳ (с. тав.876,Марв – ваф. 952, ҳамон ҷо), фақеҳ, муҳаддис ва мутасаввифи тоҷик, муассиси силсилаи тасаввуфи сайёрия. Ҷараёни зиндагӣ ва орои ӯро хоҳарзодааш Абдулвоҳид ибни Алии Сайёрӣ нақл намудааст. Мувофиқи он А.С. дар оилаи сарватманд ва аҳли илм таваллуд шудааст. Тибқи иттилои Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» ӯ пас аз даргузашти падараш дороии бисёреро, ки барояш ба ирс расида буд, ба ду тори мӯи Пайғамбари акрам (с) иваз намуда аз баракиёти он тавфиқ ёфтааст. Бино ба маълумоти «Кашф-ул-маҳҷуб» А.С. дар Марв мақоми баланд дошт, вале ба ин нигоҳ накарда ҳаёти суфиёнаро пеш гирифт. Ӯ муриди Шайх Абубакри Воситӣ буд ва аксари ақидаҳои муршидаш ба воситаи ӯ то ба рӯзгори мо омада расидаанд. Худи А.С. навишта, ки агар бо Абубакри Воситӣ мулоқот намекард, мақусӣ аз ин дунё реҳлат мекард. Ҳамчунин нақл шуда, ки Воситӣ наҳустин сӯфие буда, ки барои марвиён мақомоту аҳволи тааввуфро таълим додааст. А.С. ҳамчунин дар маҳфилу ҷамъомадҳои бузурги муҳаддисон фаъолона ширкат мекард ва ҳамчун муҳаддис низ шӯҳрат ёфта буд. Ӯ дар натиҷаи кӯшиши бисёр дар назарияву амалияи тасаввуф даст ёфт ва дар ин соҳа ба мартабаи баланд расид. Тариқати ӯ бештар ба ҳифзи маборнии шариат асос ёфта буд ва дар зӯҳду риёзат низ ном бароварда. А.С. асҳоби саҳв буд, суқрро дар ибтидои ҳоли суфӣ ҷоиз медонист, ки дар интиҳо бояд ба тамкин табдил меёфт. Ҳаҷвирӣ А.С. - ро тарафдори мазҳаби ҷабария медонад ва муаллифи «Кашф-ул-маҳҷуб» гуфтааст, ки вай «каломи олӣ ва тасонифи сутуда» дорад. Тарафдори ҷабария будани ӯ аз чунин суханонаш бармеояд: «Инсон чӣ гуна метавонад тарки гуноҳ кунад, ки ин гуноҳ дар «лавҳи маҳфуз»-и ӯ навишта шудааст». Роҷеъ ба масоили тавҳид низ асаре таълиф намудааст, ки то ба рӯзгори мо омада нарасидааст.

Баъди маргаш ҳамон хоҳарзодааш тариқати ӯро бо номи сайёрия идома дод. Дар Марву Нисо пайравони бисёре пайдо кард. Байни пайравонаш роҷеъ ба баъзе масъалаҳои таълимоти тасаввуфӣ ихтилоф ба вуҷуд омада буд, ки бино ба маълумоти Чуллобии Ҳаҷвирӣ ба тавассути мубоҳисаву мукотиба рафъ гардида будааст. А.С. дар масъалаи мушоҳида, ки яке аз рукнҳои асосии маърифати тасаввуфӣ мебошад, назари хос дошт. Асосҳои тариқати А.С.-ро «чамъ» ва тафриқа ташкил медоданд. Натиҷаи аввалӣ ба фикри ӯ соликро ба «фано» ва натиҷаи дуюмӣ ба «бақо» оварда мерасонд. Эҷодиёти А.С. ба инкишофи афкори ирфонӣ, махсусан бахши маърифатии он ба суфиёни Хуросон таъсири фаровон доштааст.

Ад.: Ҷомӣ Абдурраҳмон ибни Аҳмад. Нафаҳот-ул-унс, Т., 1336; Ҳаҷвирӣ Алӣ ибни Усмон. Кашф-ул-маҳҷуб. Л.,1926; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1385.

М. Ҳазратқулов.

АБУЛАББО́СИ САРАХСӢ (848, Сарахс – 901, Бухоро) навозанда, мусиқидон, олими форс-тоҷик. Овони ҷавонӣ дар Марв таълим гирифта, барои донишандӯзӣ чанд муддат ба Бағдоду Димишқ, Ҳалабу Миср рафт. Сипас ба Бухоро омада, ба тадрису таҳқиқ мепардозад. Дар санъати мусиқии илмию амалӣ дониши комил дошта, муддати дароз аз асосҳои назариявии мусиқии Юнон ба донишҷӯёни мадрасаҳои Бухоро ва Марв дарс гуфтааст. А. С. муаллифи асарҳои барҷастаи назариявӣ дар мусиқӣ – «Китоб-ул-мусиқӣ-ис-сағир», «Китоб-ул-мусиқӣ-ил-кабир», «Китоб-уш-шеър ва-л-мусиқӣ» буда, тибқи маълумоти сарчашмаҳо (Ибни Усайбия, Авфии Бухорой, Насируддини Тусӣ) ду тафсири ҷолибе ба «Ритмиқус»-и Аристоксен, «Қонунҳо»-и Уқлидус нигоштааст, ки Абунасри Форобӣ аз ин тафсирҳои ӯ ёдовар шудааст.

Ад.: Баркашлӣ М., Мусиқии Форобӣ, Т., 1350; Раҷабзода А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Раҷабов.

АБУЛАББО́СИ ТОШ (с. тав. номаълум – ваф. 987), сипаҳсолор ва волии Хуросон дар давраи Сомониён. Пас аз азли Абулҳасани Симҷур бо раҳнамоӣ ва ҳимояти Абулҳусайни Утбӣ, бар маснади сипаҳсолории Хуросон расид ва лақаби «Ҳисомуддавла»-ро мушарраф гардид. Дар замони ҳукумати Фахруддавлаи Дайламӣ А. Т. муддате волии Омул ва баъдан ҳокими Астарободу Гургон ва Деҳистону Обаскун буд. Фахруддавла пас аз ҳазимати А. Т. дар набард бо Абулҳасани Симчур Гургонро ба А. Т. супурд ва худ ба Рай рафт. Талоши А. Т. барои бозпас гирифтани ҳукумати Хуросон ба шикаст анҷомид ва ӯ баъд аз се соли истиқрор дар Гургон аз вабои сахте даргузашт.

АБУЛА́ЙСИ ТАБАРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Дар зодгоҳаш Табаристон (Эрон) улуми мутадовилаи замонро омӯхта, касби камол кардааст. Тазкиранависон Муҳаммад Авфӣ («Лубоб-ул-албоб»), Ризоқулихони Ҳидоят («Маҷмаъ-ул-фусаҳо») аз маҳорату истеъдоди баландаш дар иншои шеър, махсусан ғазал хабар додаанд. Аз намунаҳои боқимондаи осораш дар тазкираҳову баёзҳо бар меояд, ки А. Т. қасоиди фалсафӣ, иҷтимоӣ, шеърҳои шикоятӣ аз ҷабри фалак, номусоидии рӯзгор, нобаробарии иҷтимоӣ ва ғ. доштааст.

Ад.: Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷикдар нимаи аввали асри XI, Д., 1979. *А. Абдуллоев.*

АБУЛАЙЮ́БИ НАДИМӢ, Абулайюби Мадинӣ (848, деҳаи Ҷаҳрами Хуросон – 897, ҳамон ҷо), сароянда, навозанда ва мусиқишиноси тоҷик (а. 9). А. Н. дар оилаи санъатвару донишманд ба дунё омада, таълими ибтидоии мусиқӣ, махсусан сознавозиву сурудхонӣ ва асосҳои назариявии мусиқиро низ аз падараш омӯхтааст. Баъдтар барои такмили дониш ба Бағдоду Мадина, Димишқ ва марказҳои фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон сафар карда, бо аҳли фарҳангу санъат, таълифоти илмии соҳаи мусиқии юнониён ва тафсирҳои арабии илми мусиқӣ шинос мешавад. Сипас, сарварии яке аз мактабҳои мусиқии Бағдодро ба ӯҳда мегирад. А. Н. дар таълими назария ва ама-

лияи илми мусиқӣ сабку равияи хос дошта, бо бисёр ҷиҳатҳои таълими масоили назариявию амалии диг. мактабҳои мусиқии он давр, аз ҷумла мактаби мусиқии Мадина ва мактаби мавсилиҳо (Иброҳими Мавсилӣ, Исҳоқи Мавсилӣ, Ҳомиди Мавсилӣ) мухолиф будааст. Эроду дархостҳои илмиашро вобаста ба ин мавзӯъ дар рисолаҳои илмиаш «Китоб-ун-наѓам ва-л-иқоъ» («Китоби сурудҳо ва зарбҳои мусиқӣ») ва «Китоб-ут-тарранум» сареҳан овардааст.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008.
А. Раҷабов.

АБУЛБАРАКА́И ФИРОҚӢ (с. тав. номаълум, Самарқанд – ваф. 1507, ҳамон ҷо), шоир ва донишманди тоҷик. Улуми мутадовилаи даврро дар зодгоҳаш омӯхта, дар Шаҳрисабз, Самарқанд, Ҳирот, Табрез қозигӣ кардааст. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои адабӣ шоири тавоно, дорои истеъдоди баланд будааст. Ба ин ҳунари ӯ писаронаш Хоҷа Айюб ва Баҳоуддин пайравӣ кардаанд. Аз соҳибдевон буданаш манбаъҳои адабӣ иттилоъ додаанд, вале то ҳол девонаш дастраси муҳаққиқон нагардидааст. Дар тазкираҳову баёзҳо, радоифулашъорҳо ғазалҳои бисёре аз ӯ (асосан дар мавзӯи ишқ) дарҷ шудаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Маҳро ба ҷамоли ту кучо захраи даъвост,
К-он ҷо ҳамагӣ сурату ин ҷо ҳама маъност.
Ман Тури таҷаллӣ чӣ кунам, бар лаби бом ой,
Боми ту маро Туру ҷамоли ту таҷаллост.

Ад.: Алишери Навоӣ, Маҷолис-ун-нафоис, Тошкент, 1961. *А. Афсаҳзод.*

АБУЛБАРАКА́Т Муҳаммад Ваҷоятуллоҳи Бухороӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот, заргар ва мӯҳркани тоҷик (нимаи дуюми а. 19 – ибт. а. 20). Дар хушнависӣ машҳури замонаш буда, тамоми анвои хати настаълиқро хеле зебо менавиштааст. Аз намунаи хати настаълиқ танҳо «Девони мунтахаб»-и қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (китобаташ 1901) ба мо расида, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами 1670 маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АБУЛБАРАКО́ТИ БАҒДОДӢ Ҳуббатулло ибни Алӣ ибни Мулко (с. тав. номаълум – ваф. 1132, Балх), файласуф ва табиби машҳури яҳудитабори мусулмон. Дар овони ҷавонӣ аз Мавсил ба Бағдод омада, дар он ҷо монд. А. Б. илми тибро дар назди Абулҳасани Саид омӯхт. Баъди касби маҳорати табибӣ ба хизмати дарбори хулафои Аббосӣ даромад ва дар муолиҷаи беморон чунон шӯҳрат ёфт, ки ӯро ба дигар шаҳрҳо барои муолиҷаи аъён даъват менамуданд. Султони Салҷуқӣ ӯро барои муолиҷа ба Ҳамадон хонда буд ва ин ҳодисаи ягона набуд. А. Б. дар пиронсолӣ ба бемории ҷузом гирифтор шуд ва муҳимтарин асари фалсафии худ – «Ал-мӯътабар фи-л-ҳикма»-ро бо имлои шогирдонаш дар бистари беморӣ таълиф кард. «Ал-мӯътабар фи-л-ҳикма» ягона асари муҳими фалсафии А. Б. мебошад, ки аз се қисмат – мантиқ, табииёт ва илоҳиёт иборат аст. Ба ҷуз ин асари фалсафӣ дар соҳаи илми тиб ва ҳайъат А. Б. осори бисёре таълиф намуда, дар онҳо дастурҳои таҳияи доруҳои мураккаб ва ҷузъҳои таркибии онҳо, тарзи муолиҷаи беморон, сабаби зуҳури кавокиб ва дигар масоили илми ҳайъатро тадқиқу баррасӣ намудааст. Рисолае низ бо номи «Фи моҳият-ил-ақл» дорад. А. Б. яке аз мунаққидони фалсафаи машшоъ низ буд. Дар бахши илоҳиёт дар бораи чигунагии падид омадани касрат аз ваҳдат ба назари машшоиён таъкид менамояд, ки назари машшоиён роҷеъ ба ақли фаъол мушавваш ва дарҳам барҳам аст. А. Б. дар бораи таносуби ақли фаъол, ақли фалаки қамар ва вуҷуди нуфуси арзӣ ба машшоиён эрод гирифта, миқдори ақли даҳгонаи машшоиёнро низ намепазирад ва бо истинод ба фариштаву малоикаҳо шумораи ин ақлҳо ё худ фариштагонро беҳудуд мешуморад, ки ҳар яке навъе аз мавҷудоти олами моддиро ҳофизу нигаҳбон мебошад.

Ад.: Гуломҳусайн Иброҳими Динонӣ, Моҷарои динии фалсафӣ дар ҷаҳони ислом, ҷ. 1, Т., 1379, х. ш; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1383. *М. Ҳазратқулов.*

АБУЛБАША́Р, Булбашар, дар асотири мусулмонон нахустин одам, ки аввалин қадхудои ҷаҳон ба шумор меравад. Муаллифи «Фарқ байн-ал-фирақ» Абдулқоҳири Бағдодӣ силсилаи тамоми пайғамбаронро аз 313 нафар иборат медонад, ки аввалини онҳо А. ва охиринашон Муҳаммад (с) аст. «Инсони қадим»-и Монӣ, «Одами кадмун»-и яҳудиён, «Ахнух»-и иброниён ва «Мардук»-и бобулиён низ А.-ро ифода мекунад.Ниг. низ *Одаму Ҳавво.*

АБУЛВАФО́И БУЗҶОНӢ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ибни Исмоил ибни Аббос (1. 6. 940, Бузҷони Хуросон – 1. 7. 998, Бағдод), риёзидон, муҳандис ва ҳайатшиноси маъруфи форсу тоҷик. А. Б. яке аз шахсиятҳои машҳур дар илмҳои ҳандаса, ҳайат, риёзиёт маҳсуб ёфта, ба натиҷаҳое расидааст, ки пеш аз ӯ касе бар онҳо даст наёфта буд. Дар синни 19-солагӣ ба Бағдод меояд ва дере нагузашта дар соҳаи риёзиёт ва нуҷум машҳур мегардад. А. Б. дар корҳои илмӣ гоҳе бо муосирони худ, аз ҷумла бо Абурайҳони Берунӣ мукотибаи илмӣ доштааст. Берунӣ дар китоби «Таҳдид ниҳоят-ул-амокин» навиштааст, ки дар с. 997 ӯ дар Хоразм ва Бузҷонӣ дар Бағдод кусуфи Моҳро бо қарордоди қаблӣ бо ҳам мушоҳида карда, натиҷаи онро муқоиса намудаанд. Доир ба илмҳои алҷабру ҳандаса ва ҳайат асарҳои бисёре дорад. Ба асарҳои Уқлидус (Евклид), Дийуфантус (Диофант), Ибархус (Гиппарх) ва Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ шарҳ навиштааст. Аз А. Б. 13 рисолаи риёзӣ, 3 рисолаи ҳайатшиносӣ, 2 рисолаи мусиқӣ ва 1 рисолаи табиӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд, ки қисме аз онҳоро таърихшиносон К. Броккелман, Ф. Вёпке, Х. Зутер, А. П. Юшкевич, Г. П. Матвиевская, Б. А. Розенфелд, А. Қурбонӣ ва диг. таҳқиқ кардаанд. Истилоҳи «қутри зилл» (secants) нахустин бор дар таърихи илм дар «Китоб-ал-Маҷастӣ»-и А. Б. таъриф шуда, дар шакли зайл ба кор рафтааст:

$$\frac{tga}{\sec a} = Sina$$

Рисолаҳои зерин аз намунаи осори ӯянд: «Ал-мадхал ал-ҳифзи ило синаъа ал-арисмотиқа» («Муқаддимаи шоиста дар санъати арифметика»), «Рисола фи-н-нисоб ва-т-таърифот» («Рисола дар бораи таносуб ва таърифот»), «Рисолаи қавси қузаҳ» («Рисола дар бораи рангинкамон») ва ғ.
А. Комилӣ.

АБУЛВА́ҶД (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Бо тахал. «Форигӣ» шеър гуфтааст. Аз зумраи шоирони Моваруннаҳр аст. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкирааш «Музаккир-ул-аҳбоб» А.-ро чун марди фозил ва хуштабъ васф кардааст. Дар дарбори шоҳ Бобур (ҳукмр. 1485 – 1530) хидмат намуда, ба обрӯю эътибори баланд ноил гашта буд. Аз осораш намунаҳо ба тавассути тазкираҳо расидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Гирифт бурқаъ хато моҳи рӯи ҷононро,
Ҳиҷоби куфр бипӯшид нури имонро.
Ҳадиси лаъли лабаш, Форигӣ, магӯ бо ғайр,
Марез баҳри хасу хор Оби ҳайвонро.
У. Назиров.

АБУЛҒОЗИХО́Н (1603 – 1663, Урганҷ), хони Хева, таърихнигор, шоир. Дар Урганҷ ба дунё омада, дар ҳамон ҷо умр ба сар бурдааст. Соли 1645 аз тарафи ӯзбекони Арал хон инти-

хоб гашта, баъди муборизаҳои бисёри дохилӣ хони Хева гардид. Барои мустаҳкам намудани ҳокимияти худ бо туркманҳову қалмоққо ва хонигарии Бухоро муборизаҳои шадиде бурдааст. Соли 1663 тахтро ба писараш *Анӯш* супурд. Муаллифи китобҳои таърихии «Хонадони туркман» ва «Шаҷараи хонадони туркҳо» мебошад, ки маълумоти муфиде доир ба халқҳои туркман, ӯзбек, қарақалпоқу қазоқ доранд. Асарҳои таърихии А. ба забонҳои русӣ ва европоӣ тарҷума шудаанд.

АБУЛИЯ́ (аз юн. а – ҳиссачаи инкорӣ ва bule – ирода), беиродагии ранҷурона, заъфи ирода то тамоман гум шудани он, набудани майлу хоҳиш ба фаъолият. А. ҳам дар кӯдакон ва ҳам дар калонсолон пеш аз ҳама нишонаи давраи аввали бемории рӯҳӣ аст. А. ҳангоми баъзе бемориҳои рӯҳӣ (психози савдовию шизофрения), зарбхӯрии маҳдуди мағзи сар, бахусус қисмати пешонӣ пайдо мешавад. Дар ҳолати А. бемор камҳаракат, заиф, беғайрат, ба муҳиту атрофиён беэътино гашта, майлу хоҳиш ва ташаббуси худро гум мекунад. Дар синни кӯдакӣ А. метавонад боиси сар задани бемории рӯҳӣ гардад. Кӯдаки бемор бе ягон сабаб каноравҷӯй, нофаъол, парешонхотир мешавад. Чунин ҳолатро калонсолон баъзан танбалӣ мешуморанд, вале тадриҷан бемории кӯдак аён мегардад, ӯ ба машғулиятҳои ҳаррӯза ва рафиқони худ шавқе зоҳир намекунад, рӯзҳои дароз дар ҷойгоҳ беҳаракат хоб меравад, ҳарф намезанад, ҳатто ба нигоҳубини худ аҳамият намедиҳад. А.-ро аз сустиродагӣ, ки дар натиҷаи тарбияи нодуруст ба вуҷуд меояд, фарқ бояд кард. Муваққатан қатъ кардани машғулиятҳо, ба санатория рафтан ва табобати қувватбахш барои рафъи А. муфид аст.

АБУЛҚОСИ́М (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва табиби тоҷик (а. 16). Падараш Мавлоно Дарвеш Ҳусайнӣ табиби хосаи Алишери Навоӣ буд. Мувофиқи маълумоти «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисорӣ А. ҷузъиёти илми тиб ва диг. илмҳои расмии даврашро аз худ карда буд. Баробари ин А. дар шоирӣ даст дошта, дар навъҳои гуногуни адабӣ шеър мегуфтааст. Аз осораш намунаҳои кам тавассути тазкираи Нисорӣ боқӣ мондаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Надорӣ боварам, эй лоларухсор,
Ки гаштам дар ғами ишқи ту бемор.

***

Баски девонаам аз ҳаҷри рухи ёр имшаб,
Мекунам нолаву фарёд мани зор имшаб.

Ад.: К а р и м о в У., Адабиёти тоҷик дар асри XVI, Д., 1985; ҳ а м о н м у а л л., Литературно-исторические источники и основные тенденции таджикской литературы XVI века, Д., 2000.

У. Каримов.

АБУЛҚОСИ́М АБДУРРАҲМО́Н ибни Алӣ ибни Абусодиқ (с. тав. номаълум – ваф. 1068), табиб, шогирди Ибни Сино. А. А. ба асарҳои Ҷолиус (Гален) «Китоб-ул-манофеъ-ил-аъзо» («Китоб доир ба манфиати узв-ҳои инсон»), Ҳусайн ибни Исҳоқ «Китоб-ул-масоил фи-т-тиб» («Китоби масъалаҳои тиб»), Буқрот (Гиппократ) «Китоб-ул-фусул» («Китоби фаслҳо») ва «Китоб-ут-тақдимат-ул-маърифат» («Китоб дар бораи пешогоҳӣ») шарҳ навиштааст. Ба ғайр аз шарҳҳои мазкур, асарҳои фалсафӣ низ дорад, ки яке аз онҳо «Ҳал-уш-шукук-ир-Розӣ ало кутуб-ил-Ҷолинус» мебошад.

М. Ҳазратқулов.

АБУЛҚОСИ́М БОБУ́Р, (1422, Ҳирот – 1457, Машҳад), ҳокими Хуросон (1449 – 57), аз сулолаи *Темуриён*, писари *Бойсунқур*, набераи *Шоҳрух*, бародари хурдии *Улуғбек*. Баъд аз фавти Бойсунқур писаронаш Султон Муҳаммад, Алоуддавла ва А. Б. дар хонаи бобояшон Шоҳрух (ваф. 1447) тарбия гирифтанд. Баъд аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани тахти шоҳӣ байни наберагон талоши молу мулк сар шуд. А. Б. дар ҷанги сари тахт ғолиб баромада, с. 1449 Хуросон ва моҳи февр. ҳамон сол Ҳиротро тасарруф намуд. Соли 1454 ба Самарқанд лашкар кашида онро муддати чиҳил рӯз дар иҳота нигоҳ дошт. Сипас бо Султон Абусаид сулҳ баста ба Ҳирот баргашт. А. Б. ба адабиёт дилбастагӣ дошта ба форсӣ шеърҳо ҳам навиштааст.

АБУЛҚОСИ́М ҚАСИ́Р (с. тав. ва ваф. номаълум), дабир ва вазири султон Масъуди Ғазнавӣ. Насаб аз аъён ва ашрофи Хуросон дошт. Ҷадди бузургаш ба исми Касир дар хидмати Абулҳасани Симҷурӣ ва раҳбари қабоиле буд. Амирони сомонӣ борҳо саъй карданд, то ӯро мустақиман ба хидматашон дароваранд. Номи А. К. такроран дар китоби «*Таърихи Байҳақӣ*» сабт шудааст. Дар ибтидо ӯ яке аз коргузорони дарбор ва аз наздикони султон *Маҳмуди Ғазнавӣ* буд, сипас соҳибдевони Хуросон таъйин гардид. Баъдҳо вазири султон Масъуд шуд. А. К. саъй кард то истиқрор ва устувории давлати Ғазнавиёнро ҳифз намояд, аммо тавтеаҳо ва худхоҳиҳои шоҳзодагон, дарбориён ва уммоли девони давлатӣ ва амирони маҳаллӣ мисли ҳамеша нагзоштанд, то коре ба анҷом бирасад.

АБУЛҚОСИ́М МАҲМУ́Д ибни Умар, ниг. *Замахшарӣ*.

АБУЛҚОСИ́М ФИРДАВСӢ ниг. *Фирдавсӣ*.

АБУЛҚОСИ́МИ БАРМАКӢ (с. тав. номаълум – қатлаш с. 998, Бухоро), вазири амир *Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ*. Аз Оли Бармакиён. А. Б. пас аз азли вазир Барғашӣ дар с. 388 қ. (998 м.) бар маснади вазорат нишаст. А. Б. вазири кордону фозиле буд ва дар пардохти муҷиботи дарбориёни амир Мансур сахтгирӣ менамуд. Маҳдуд кардани музди сипоҳиён боиси норизоияти аносири турки дарбор шуд. Дар натиҷа ӯро бо дасти ғуломони турк ба қатл расонданд.

АБУЛҚОСИ́МИ ДИНОВАРӢ Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон (с. тав. номаълум – ваф. 1000), шоир ва адиби араб. Аз зодгоҳаш Диновар (шаҳре дар Эрон) с-ҳои 80 а. 10 ба Бухоро омад ва зиндагиву фаъолияташ дар ҳамин ҷо идома ёфтааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ (мас., «Ятимат-уд-даҳр»-и Саолибӣ) А. Д. яке аз шуаро ва котибону коргузорони маъруфи дарбори Сомониён буд. Дар масоили гуногуни адаб беш аз 30 ҷилд асар навишта будааст. Дар тазкираи Саолибӣ ва тазкираҳои диг. беш аз 90 байт аз ашъори А. Д. фароҳам омадаанд, ки онҳо шеърҳо дар жанри мадҳия, васф, ҳаҷв, шикоят аз пирӣ ва фарзандон, ки дар пиронсолӣ ба падар шафқат надоранд ва ғ. мебошанд. Васфияҳои А. Д. дар бораи себ, анор ва анвои дигари меваҷот, ки дар фаро расидани Меҳргон зеби хон мешаванд, китоб чун дӯсти вафодору мусоҳиби инсон басе ҷолибанд. А. Д. дар ашъораш аз санъатҳои бадеӣ – ташбеҳ, истиора, тавсиф ва ғ. истифода кардааст.

Ад.: С а о л и б ӣ, Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосин аҳл-ал-аср, ҷ-ҳои 1 – 6, Бейрут, 2000.

Н. Зоҳидов.

АБУЛҚОСИ́МИ ҚУМӢ ибни Муҳаммад, маъруф ба Мирзои Қумӣ (1740, Гелон – 1836, Қум), шоир ва донишманди эронӣ. Пас аз таҳсили улуми давр дар Ироқ ба Қум баргашт ва дар ин ҷо зиндагиву эҷод мекард. Ба ду забон – форсиву арабӣ оид ба фиқҳ, калом, ҳикмат, маонӣ ва ғ. асарҳои бисёри манзуму мансур эҷод кардааст. Яке аз асарҳои манзумаш – «Саволу ҷавоби Мирзои Қумӣ» дар замони зиндагии муаллиф шӯҳрат ёфта буд. Рисолаҳои А. Қ. «Қавонин», «Ғаноим», «Муршид-ул-авом» то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд ва мавриди омӯзиши олимони эронӣ қа-

рор доранд. Аз А. Қ. девони ашъор шомили 5 ҳаз. байт бокӣ мондааст.

АБУЛМАОЛИ́И ИСФАҲОНӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1214 ё 1219), шоири форс-тоҷик. Пас аз таҳсили улуми мутадовили давр дар синни камолот ба хидмати дарбори Салҷуқиён ворид гардид ва ба мартабаи вазирӣ расид. Марди закӣ, донишманд ва бофазлу адаб буд. Дар манбаъҳои адабӣ ва таърихӣ (мас., «Ҳабиб-ус-сияр») чун шоири бомаҳорате тавсиф шудааст. Абёти боқимондаш дар мавзӯъҳои ишқ, тарғиби ахлоқи ҳамида, фалсафӣ ва ғ. суруда шудаанд.

Ад.: Деҳхудо, Луғатнома, ҷ. 1, Т. 1325 ҳ. ш.

АБУЛМАОЛИ́И НАСРУЛЛО́Ҳ Ибни Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Муншии Шерозӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), адиб, муншӣ, насрнависи форс-тоҷик (а. 12). Дар дарбори Ғазнавиён муншӣ ва дабир буд. Дар охири умраш ба мансаби вазирии Хусрав Малик (ҳукмр. 1160 – 86/87) расид. Аз ҷумлаи корҳои муфиди А. Н. тарҷумаи китоби «*Калила ва Димна*» аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ мебошад. Вай тарҷумаи ин китобро аз рӯи таҳрири арабии *Ибни Муқаффаъ* анҷом додааст. Тарҷумаи А. Н. дар давраи салтанати Баҳромшоҳ (ҳукмр. 1099 – 1115) ба итмом расид. Аз ин ҷост, ки он бо номи «Калила ва Димнаи Баҳромшоҳӣ» низ маъруф аст. Чунонки дар муқаддимаи тарҷумаи А. Н. омадааст, вай кӯшидааст, бар хилофи мутарҷимони дигар, ки аз ҷиҳатҳои панду ахлоқии «Калила ва Димна» сарфи назар кардаанд, мазмуни ахлоқӣ ва фалсафии онро аз нав барқарор намояд. Тарҷумаи А. Н. аз ҷиҳати сабку услуб асари бадеии мустақил аст ва намунаи беҳтарини насри а. 12 ба шумор меравад. А. Н. шоир низ буд. Дар «Калила ва Димна» ва сарчашмаҳои адабӣ намунаҳо аз шеърҳои ӯ омадаанд.

Ад.: Калила ва Димна, Д., 2009.

АБУЛМАОЛӢ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Ғазнавӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), насрнависи форс-тоҷик (ох. а. 11 ва авв. а. 12). Мувофиқи маълумоти Саид Нафисӣ А. аз хонадони Алавиёни Хуросон буда, гузаштагонаш дар Балх мезистаанд. Соли 1093 А. китобе доир ба масҳабҳо ва динҳо бо номи «Баён-ул-адён» ба забони тоҷикӣ таълиф намудаст, ки хеле машҳур аст.

АБУЛМАСА́ЛИ БУХОРОӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 10). Ӯ аз ҳамасрону ҳамсӯҳбатони Абулмуайиди Балхӣ ва Сипеҳрии Бухороӣ будааст. Аз ашъори ӯ ҳамагӣ 20 байти пароканда боқӣ мондааст. Аз абёти парешони ӯ бармеояд, ки вай асосан дар навъҳои ғазал, қасида ва маснавӣ шеър эҷод мекардааст. Ашъораш аз лиҳози мазмун панду ахлоқӣ ва ишқӣ мебошанд. Чанд намуна аз абёти ӯ:

Касе беайб набвад дар замона,
Рутабро раста бошад дар миёна.

***

Нуқли мо хӯшаи ангур буду соғар – сафҷ,
Булбулу сулсул ромишгар бар даст асир.

***

Чу гардад огаҳ хоҷа зи корномаи ман,
Ба шаҳриёр расонад сабук чакомаи ман.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

У. Тоиров.

АБУЛМУАЙИ́ДИ БАЛХӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва нависандаи форс-тоҷик. (а. 10). А. Б. дар замони Абулқосим Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (ҳукмр. 976 – 997) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар ҷавонӣ ба сӯҳбати Рӯдакӣ расидааст. Асари машҳури ӯ «Аҷоиб-ул-булдон» аст. А. Б. ду асари дигар таълиф кардааст, ки яке «Шоҳнома»-и мансур буда аз байн рафтааст ва танҳо фасле аз он то замони мо расидааст, ки онро «Гаршоспнома» низ меноманд. Муаллифи «Таърихи Систон» дар китоби худ ҳамон қисматро овардааст, ки қадимтарин намунаи насри бадеии форсист. Асари дуюми ӯ достони «Юсуф ва Зулайхо» аст. А. Б. дар адабиёти форс-тоҷик аввалин шоирест, ки ин қиссаро ба назм даровардааст, вале он то замони мо нарасидааст. Аз мероси адабии А. Б. ғайр аз асари «Аҷоиб-ул-булдон» як миқдор абёти пароканда (20 байт) боқӣ мондааст. Ашъори боқимондаи А. Б. асосан лирикӣ буда, тасвири табиат, панду ахлоқ, мардонагию далерӣ, ишқ ва мадҳро дар бар мегиранд. Абёти зерин аз ӯст:

Малул мардуми колусу бемаҳал бошад,
Макун, нигоро, ин хӯву табъро бигзор.

***

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,
Зани зоҷ хонаш, махонаш далер.

***

Рӯзи каҷиҳо дарунсоф бош,
Ростгирои раҳи инсоф бош.

Ад.: Заҳрои Хонларӣ, Роҳнамои адабиёти форсӣ, Т., 1340 ҳ. ш.; Саид Нафисӣ, Аҳвол ва ашъори Абуабддуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ, ҷ. 1, Т., 1311 ҳ. ш; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

У. Тоиров.

АБУЛМУЗАФФА́Р БАРҒАШӢ Муҳаммад ибни Иброҳим (с. тав. номаълум, ваф. тақр. 1029 – 30), вазири дарбори Оли Сомон дар ох. аҳди амир Нӯҳ ибни Мансур ва авв. салтанати амир Мансур ибни Нӯҳ. Пас аз қатли Абунаср ибни Абузайд, амир А. Б.-ро вазир таъйин кард. Вай бо лаёқат ва кордониаш то поёни умри Нӯҳ ибни Мансур дар мақоми худ боқӣ монд. Пас аз марги Нӯҳ (997) ва аморати писараш Абулворис Мансур ибни Нӯҳ, А. Б. ҳамчунон вазир буд. Дар натиҷаи зиддиятҳои дохилидарборӣ пас аз чанде вазорат ба Абулқосими Бармакӣ расид ва ба А. Б. дар Ҷузҷон мансаб доданд.

АБУЛМУЗАФФА́РИ ПИСАНҶАДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Дар манбаъҳое, ки дар бораи ин шоир маълумот додаанд, мас., «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ, ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш наомадааст. Дар ҳамин манбаъ баробари тавсифи ӯ чун шоири моҳиру тавоно се қитъа (12 байт) аз эҷоди ӯ оварда шудааст. А. П. дар ин байтҳояш оташ (оташи миёни хокистар), гули ёсуманро васф намудааст. Шеърҳои ӯ нафосат ва зебоӣ, муқоисаи бемонанд ва ташхиси ҷолиб доранд, ки гувоҳи шоири ширинкалому мушоҳидакор будани ӯянд. Дар васфи оташ гуфтааст:

Ҳаме бибинӣ оташ миёни хокистар,
Чу офтоб, ки гирад зи меғ тири ҳичоб.
Чу рӯи духтари дӯшиза, к-ӯ хиҷил гардад,
Ниқобро ба рух андар кашад ба вақти итоб.

Ёсумани шукуфтаро ба ҳолати ғамангези қаҳрамони лирикӣ монанд кардааст:

Нигоҳ кун ту ба-д-он ёсумани шукуфта ба боғ,
Сараш ба пеш дарафканда рост чун сари ман.

Ад.: Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI, Д., 1979. *А. Абдуллоев.*

АБУЛМУЗАФФА́РИ ТОҲИ́Р ибни Фазл (с. тав. номаълум – ваф. 987), шоир ва сиёсатмадори форс-тоҷик. Аз хонадони *Ҷагониён*. Дар сарчашмаҳои адабӣ абёти пароканда, порчаҳои шеъри А. Т. боқӣ мондаанд, ки аз ҷиҳати мавзӯъ, услуб, тарзи нигориш гувоҳи маҳорати баланди шоирии ӯ мебошанд. Дар ғазалиёт ва рубоиёташ ишқу муҳаббат, манзараҳои табиатро васф кардааст. Шеърҳояш дорои сувари бадеӣ, афкору андешаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Аз нокомию номуродиҳои рӯзгор шикоят кардааст.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960. *А. Абдуллоев.*

АБУЛФАВОРИ́СИ ФАНОРӮЗӢ Хоҷа Амид (с. тав. ва ваф. номаълум), нависанда ва мутарҷими форс-тоҷик (а. 10). Дар Фанорӯз ном деҳе аз деҳоти атрофи Самарқанд ба дунё омадааст. Дар с-ҳои 950 – 51 А. Ф. «Синдбоднома»-ро аз забони паҳлавӣ ба форсии дарӣ (тоҷикӣ) гардонд.

Тарҷумаи А. Ф. то замони мо нарасидааст. Насрнависи а. 12 *Заҳирии Самарқандӣ* матни тарҷумаи А. Ф.-ро таҳрир кард ва асаре бо номи «Синдбоднома» таҳия кард. *Ҷ. Азизқулов.*

АБУЛФА́ЗЛ ибни Муборак (1550, Аграи Ҳиндустон – 1602), адиб ва шоири форсизабони Ҳиндустон, бародари Файзии Даканӣ. Падараш – Шайх Муборак аслан аз мардуми Яман буд. А. дар ҷавонӣ илмҳои маъмули замонашро мукаммал омӯхта, чанд муддат дар дарбори подшоҳи Ҳиндустон – Ҷалолуддин Акбар (ҳукмр. 1542 – 1605) вазифаи дабириро иҷро кард. Дар дарбор кори ӯ равнақ пайдо кард ва то ба дараҷаи вазирӣ расид. Соли 1599 А.-ро барои обод кардани ш. Дакан фиристоданд ва азбаски дар миёни ӯву шоҳзода Салим (ки баъдтар ба унвони Ҷаҳонгир ба подшоҳӣ расид) душманӣ буд, ӯро дар наздикии Сабзвор куштанд. А. забонҳои арабӣ ва санскритро медонист. Дар илмҳои гуногун таълифоти бисёре дорад. Китоби «Акбарнома», ки таърихи ҳукмронии Акбар ва хонадони ӯ ва «Оини Акбарӣ», ки дар роҳу равиши ҳукумати Акбар аст, аз таълифоти ӯст. Китоби «Калила ва Димна»-ро бо номи «Иёри дониш» таҳрир кардааст. Дар тарҷумаи китоби «Маҳабҳарата» ва иншои «Таърихи алфӣ» ширкат варзидааст. Муншаоти ӯ бо номҳои «Мукотиботи Алломӣ», «Иншои Абуфазл» ё «Мукотиботи Абулфазл» маълуму машҳуранд. Дар ахлоқ ва тасаввуф низ таълифот доштааст. Китоби «Ҳуют-ул-ҳайвон»-и Камолиддини Шофеиро (1342 – 1406) аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ гардонидааст. А. дар ривоҷу равнақи забони форсии тоҷикӣ хизмати арзишманд кардааст. Вай хеле кӯшидааст, ки забони форсии тоҷикиро аз калимаҳои мушкилфаҳму номатбӯи забони арабӣ тоза кунад ва ба ҷойи онҳо луғатҳои мустаъмали забони дариро бигузорад. Вай сабки душворфаҳми насрро тағйир дод. Номаҳоеро, ки аз дарбори Акбар ба атроф мефиристонданд, ба услуби содаю равон менавишт. Дар онҳо калима ва таъбирҳои душвори арабӣ кам буд. А. калима ва ибораҳои маъмули забони форсии тоҷикиро бештар истифода мекард. Забон ва услуби асарҳои хурди ӯ низ содаю равонанд. А. бо тахаллуси Алломӣ ғазал, қасида ва маснавӣ сурудааст.

Ад:. Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор, т. 1, М., 1972.

АБУЛФА́ЗЛ СУККАРИИ МАРВАЗӢ, Абулфазл Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайди Суккарии Марвазӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири арабизабони аҳди Сомониён (а. 10). Дар ш. Марв зиндагӣ ва эҷод мекард. Дар эҷодиёташ суннати корбасти зарбулмасалу мақолҳои форсии тоҷикиро дар шеъри арабизабон, ки шоири арабизабони эронинажод Солеҳ ибни Абдулқуддус (ваф. 783) оғоз карда буд, идома додааст. Дар ҳар як 30 байте, ки аз ӯ дастрас гардидааст («Ятимат-уд-даҳр»-и Саолибӣ) як зарбулмасал ва мақоли форсии тоҷикӣ мавҷуд аст, ки имрӯз ҳам мустаъмаланд.

Ад.: Абдуллаев И., Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X – начале XI веков, Ташкент, 1984; Мардони Т. Н., Арабско-таджикское двуязычие в поэзии XI – X веков, Д., 1993. *Н. Зоҳидов.*

АБУЛФА́ЗЛ СУЛЛАМИ́И МАРВАЗӢ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 946), аз фақеҳони маъруфи ҳанафӣ ва вазири амир *Нӯҳ ибни Наср*. А. С. М. аслан Марвӣ буд ва дар ш-ҳои Марв, Нишопур, Рай, Бағдод, Куфа, Макка, Миср ва Бухоро аз машоихи машҳури он рӯзгор таълим гирифта, баъдҳо машоих ва бузургони Хуросон назди ӯ дониш андӯхтанд. Чун А. дар фиқҳ устоди амири Сомонӣ – Нӯҳ ибни Наср буд, зимоми умурро ба ӯ вогузошт ва ба раъйи ӯ фармон меронд. Аммо А. аввалҳо аз қабули вазифаи вазирӣ худдорӣ мекард ва баъдан ба исрори амир ин симатро пазируфт. Амир Наср бо ҳадафи ҷалби ризои фуқаҳо ва саркӯб кардани ҳаракати эътиқодии исмоилӣ Абулфазлро ба ин мансаб нишонд. Аммо идораи умури мамлакате чунон бузург ва ахиран ҳифзи инзиботи лашкариён, ки такягоҳи умдаи давлат хусусан дар муқобили рақибони тозае ҳамчун Оли Буя буданд, вазири кордон ва сиёсатдонро тақозо мекард, ки А. аз ин сифот баҳра надошт. Натиҷаи ин заъфи вазорат ва мудирияти Абулфазл он шуд, ки беш аз шаст миллион дирҳам ба барои айшу ишрат пардохт шуд ва хазина холӣ гашт. Дар ин ҳангом лашкариёни Нӯҳ, ки аз бекифоятӣ ва бадрафтории вазир шикоят доштанд ва ӯро сабабгори ошуфтагии авзои кишвар донистанд (сабаби шӯриши Абуалии Чағонӣ), хоҳони қатли А. шуданд. Лашкариёни шӯришӣ с. 946 наздики дарвозаи Марв ӯро ба қатл расонданд. *Л. Бойматов.*

АБУЛФАЗЛӢ БАЙҲАҚӢ Муҳаммад ибни Ҳусайн (тав. тақр. 996, Ҳорисободи Байҳақ – ваф. окт. 1077), таърихнигор ва нависандаи даврони *Ғазнавиён*. Дар бораи зиндагии ӯ иттилооти кофӣ мавҷуд нест. А. Б. таҳсилоти хубе дошта, дар ҳунари адаб ва зарофати иншо маъруф будааст. А. Б. дар замони ҳукумати султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба муддати дароз котиби «*Девони рисолат*» буд ва дар аҳди султон Абдуррашид (1049 – 52) раёсати ҳамин девонро бар ӯҳда дошт. Тибқи ахбор А. Б. муддате зиндонӣ буд. Дар аҳди султон Фаррухзоди Ғазнавӣ (1052 – 59) А. Б. ба таълифи маъруфтарин китоби таърихии хеш «Таърихи Байҳақӣ» (30 ҷилд) машғул шуд, ки он ба унвони «Таърихи Масъудӣ» низ маъруф аст. Бархе рисолаҳои «Зинат-ул-китоб» ва «Мақомоти Абунасри Мишкон»-ро моли ӯ донистаанд. Рисолаи «Зинат-ул-китоб» дастури бисёр муфид барои котибон ва коргузорони девонҳои давлатӣ будааст. Ин рисола то замони мо нарасидааст, аммо иқтибосҳое аз он дар китоби «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулҳасани Байҳақӣ омадаанд. Рисолаи дигари А. Б. «Мақомоти Абунасри Мишкон» низ баҳсест дар мавзӯи таърихи вузаро. Ин китоб низ то замони мо нарасида, вале бахшҳои он дар китоби маъруфи «Осор ул-вузаро»-и Сайфуддини Уқайлӣ иқтибос шудаанд. *Л. Бойматов.*

АБУЛФА́ЗЛИ МИКОЛӢ Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Алӣ (с. тав. номаълум – ваф. 28. 4. 1045), донишманд, адиб ва шоири араб, яке аз намояндагони Оли Микол (хонадони маъруфи тоҷик, ки дар а-ҳои 9 – 11 мақом ва нуфуз доштанд). Дар Нишопуру Бухоро ва Макка аз донишмандони бузурги давраш илми ҳадис омӯхт ва чун муҳаддиси тавоно ба камол расид. Маҳфили дарси ҳадис таъсис дод, ки то охири умраш барпо буд. Дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ (осори Саолибӣ, Утбӣ, Бохарзӣ ва диг.) А. М. чун суханвари тавоно дар насру назм ситоиш шудааст. Ба девон доштанаш ишора шудааст, вале он то замони мо нарасидааст. Маҷмӯи ашъори аз сарчашмаҳо ҷамъ овардашудаи А. М. (дар ш. Лейпсиги Германия с. 1908 ба табъ расидааст) дар аксари навъҳои шеър даст доштани ӯро тасдиқ мекунанд. Мавзӯи ашъораш ишқ, тавсифи табиат (гулҳои райҳон, лола, наргис, бунафша, дамидани субҳ, барфи рӯи барги дарахтон, шароб, асп ва ғ.), ихвониёт, марсияҳо, панду ҳикмат ва ирфон (динӣ) мебошад. Бештар аз санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора истифода кардааст. Ба қалами А. М. инчунин асарҳои мансури «Махзан-ул-балоға» (маҷмӯаи номаҳову руқаот ба баъзе ашхос

ва посухи онҳо), «Фазоил-ул-мулук» (асари таърихӣ), «Шарҳу ҳамосат Абутаммом» (шарҳи ашъори Абутаммом), «Шарҳи девони Мутанаббӣ», «Китоб-ул-мунтаҳил» (мунтахабе аз назму насри араб аз давраи ҷоҳилия то а. 10; нусхаҳояш дар Туркия ва Англия мавҷуданд) тааллуқ доранд.

Ад.: Донишномаи Сомониён, ҷ. 1, Х., 2009. *Н. Зоҳидов.*

АБУЛФА́ЗЛИ УСМО́Н ибни Аҳмади Ҳиравӣ (с. тав. ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 12). Аслаш аз Ҳирот. Дар Нишопур низ зиндагӣ кардааст. Тазкиранигор Муҳаммад Авфӣ бо ӯ мулоқот кардааст ва вайро дар силки шоирони Хуросони аҳди салҷуқии баъди замони султон Санҷар (ҳукмр. 1118 – 58) меорад. Авфӣ дар бораи А. У. мегӯяд: «Агарчи ба шеъру шоирӣ нисбат надошт, фааммо чун ашъору абёти ӯ матину латиф буд, номи ӯ дар силки шуаро оварда шуд». А. У. рубоиҳои ҳаҷвӣ ва ишқӣ мегуфтааст. Ин рубоӣ аз ӯст:

Дӣ гуфтамаш: «Эй гашта дил аз меҳри ту хун,
Бар себи ту чист нуқтаи ғолиягун?»
Гуфто: «Зи латофате, ки дар себи ман аст,
Он дона бувад, ки менамояд зи дарун».

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул албоб, ҷ. 2, Лейден, 1903. *А. Афсаҳзод.*

АБУЛФАЙЗХО́Н (1695 – 1747), хони Бухоро, аз сулолаи Аштархониён, писари Субҳонқулихон. Дар даври А. низоъҳои байни хешутаборӣ мамлакатро ба таназзули амиқи сиёсиву иқтисодӣ оварда расонд. Дар натиҷаи юриши қӯшунҳои Нодиршоҳ ба Мовароуннаҳр (1747) А. аз тахт сарнагун шуд ва қатл гардид. Дар бораи А. Фитрат номи аслиаш (Абдурауф Абдурраҳим, нависандаи ӯзбек, 1886 – 1937) «Абулфайзхон» ном драма (1924) навиштааст.

АБУЛФАРА́Ҷ (тахалл.; номи аслиаш Григорий Юханнан Бар-Эбрая; 1226, Мелитен, ҳоло Малаяти, Туркия – 1286, Мароға, Озарбойҷон), нависанда, донишманд, файласуф, пизишки ошурӣ. Дар адабиёти араб бо номи Ибн ал-Ибрӣ машҳур аст. Маълумоти ибтидоиро дар оила гирифта, сипас дар Антокия ва Троблус илмҳои тиб ва хитоба (риторика)-ро омӯхтааст. Забонҳои форсӣ, ибрӣ, арманӣ, арабӣ ва ғ-ро хуб медонист. Асарҳои бисёре (тақр. 30-то) оид ба тиб, нуҷум, фалсафа, тасаввуф, хитоба таълиф намудааст. Пайрави ақидаҳои фалсафии Абуалӣ ибни Сино буд. Асари машҳуру ҷолиби А. китоби «Аҷоиб-ул-ҳикоёт» мебошад. Ин китоб аз 20 боб ва 727 ҳикояти пандомӯз иборат аст. Дар боби якум пандҳову андарзҳо, ҳикматҳои файласуфони Юнон оварда шудаанд. Боби дуюм «Ҳикматҳои муфиди хирадмандони Форс» ном дорад, ки дар он аз забони Куруш, Бузургмеҳр, Анӯшервон ва диг. суханони пандомӯзу андарзҳо фароҳам омадаанд. Дар бобҳои дигар суханони пандомӯз аз забони хирадмандони ҳиндӣ, яҳудӣ, арабӣ ва диг. пайи ҳам ҷой гирифтаанд. Муаллиф хислатҳои бади инсонӣ – хасисӣ, ҳасад, тарсуӣ, аблаҳӣ, пургӯӣ, нодониро танқиду мазаммат кардааст. Қаҳрамононии манфихислати ӯ намояндагони табақаҳои доро – баъзе ҳокимон мебошанд. Гарчанде А. худ рӯҳонии олирутбаи дини масеҳӣ (усқуф) буд, дар баъзе ҳикоятҳояш рӯҳониёни мутаассиброи мазаммат кардааст. А. муаллифи грамматикаи забони ошурӣ – «Китоб-ул-ашиа» (манзум, дорои 618 байт бо фарҳанги тафсирӣ) ва китоби таърихии «Таърихи мухтасар ад-дувал» (иборат аз 3 қисм) мебошад. Баъзе ҳикоятҳо аз «Аҷоиб-ул-ҳикоёт»-и А. ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд (мач. «Садои Шарқ», 1965, № 1).

Ос.: Смешные рассказы, М., 1992.

АБУЛФАРА́ҶИ ИСФАҲОНӢ Абулфараҷ Алӣ ибни Ҳусайни Исфаҳонӣ (897, Исфаҳон – 967, ҳамон ҷо), мусиқишинос, шоир, забоншинос ва мунаҷҷими форсу тоҷик. А. И. илмҳои замонашро дар зодгоҳаш омӯхта, муддате дар Бағдоду Ҳалаб чун надими дарбор хизмат кардааст. Дар илмҳои ситорашиносӣ, мусиқӣ, таърихнигорӣ, адабиёт истеъдоди баланд доштааст. А. И. муддати зиёд ба кишварҳои Арабу Аҷам сафар карда, рочеъ ба осори фарҳангӣ, адабӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ ва шеър ахбори зиёде ҷамъоварӣ намудааст ва онро дар асари қомусиаш «Китоб-ул-ағонӣ» («Китоби сурудҳо») ҷой додааст. Бино ба ахбори манобеи хаттӣ А. И. рочеъ ба мусиқӣ асарҳои бисёре таълиф намудааст: «Китоб-ул-муҷаррад ал-ағонӣ», «Рисола фӣ ағонӣ», «Китоб фӣ-н-нағам», «Китоб-ул-ахбор-ил-қиён» (занони сароянда), «Китоб-ул-ғилмон-ил-муғаннин» (писарони сароянда) ва ғ. «Китоб-ул-ағонӣ»-и А. И. дар омӯхтани таърихи мусиқии форсу тоҷик ва диг. кишварҳои Шарқ аҳамияти калон дорад.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

АБУЛФАРА́ҶИ РУНӢ (1039, деҳаи Руни наздики ш. Лоҳур – 1108), шоири форсизабони Ҳиндустон. Пас аз таҳсили илм дар ш. Лоҳур муддате дар дарбори ҳокими ш. Ғазнин Султон Иброҳим (ҳукмр. 1059 – 99) хидмат кард, вале ба ғазаби султон гирифтор шуда, ба ватанаш баргашт. Аз А. Р. девоне боқӣ мондааст, ки бо саъю кӯшиши проф. Чайкин с. 1928 дар Эрон ба табъ расид. Нашри интиқодии девони А. Р.-ро муҳаққиқи эронӣ Маҳмуд Маҳдии Домғонӣ анҷом дод. Девони А. Р. шомили қасоид, ғазалиёт, қитъаҳо ва ғ. мебошад. Дар қасидаҳои А. Р. мавзӯи Ҳиндустон, сохтмони қасру кӯшкҳо, ба тахт нишастани подшоҳон, мадҳи ҳокимону сипаҳсолорони вилояту шаҳрҳои Ҳиндустон, тасвири манзараҳои зебои ин кишвар ба назар мерасанд. Ғазалҳои А. Р. каманд, вале қитъаҳояш нисбатан зиёд буда, дар онҳо мавзӯъ ва мазмунҳои норозигӣ аз беадолатиҳо, ба ғаму кулфат мувоҷеҳ будани шахсони хирадманду доно, танқиду мазаммати баъзе «саронӣ чун хари замон», тасвири аҳволи мазлумон ва ғ. матраҳ гардидаанд. Ашъори А. Р. аз ҷиҳати услуби баён ҷолибанд. Вай дар баъзе шеърҳояш аз доираи сабки хуросонӣ берун баромада, бо шеваи нав – сабки ироқӣ эҷод карданро оғоз кардааст. Аз ин ҷиҳат А. Р.-ро чун шоири навовар ва забардаст метавон эътироф кард. Саҳми А. Р. дар мустаъмал кардани шеъри порсии дарӣ дар сарзамини Ҳиндустон басо бузург аст.

Ад.: Алиев Г. Ю., Персоязычная литература Индии. Краткий очерк, М., 1968; Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Лейден, 1903. *А. Абдуллоев.*

АБУЛФАРА́ҶИ СИГЗӢ маъруф ба Симҷурӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1003), шоири форс-тоҷик. Дар Систон, дар боргоҳи Симҷуриён, ки аз ҷониби Сомониён ҳукумат доштанд, зиндагӣ ва эҷод кардааст. А. С. дар мадҳи ҳокими Симҷуриён – Абуалии Симҷур (ваф. 997) қасидаҳо навишта, Султон Маҳмуди Ғазнавиро ҳаҷв кардааст. Маҳмуди Ғазнавӣ А. С.-ро ба қатл расонидан мешавад, вале ӯ бо мадади шоир Унсурӣ аз хашму ғазаби Маҳмуд раҳоӣ ёфт. Аз ашъори шоир дар тазкираю фарҳангҳо байтҳои пароканда боқӣ мондаанд, ки асосан мазмуни мадҳию ҳаҷвӣ доранд. *У. Тоиров.*

АБУЛФА́ТҲ Абдурраҳмони Искандарӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1165), олим, сайёҳ ва чуғрофидони араб. Муаллифи луғати географии «Китоб-ул-амкина ва-л-миёҳ ва-л-ҷибол ва-л-осор ва наҳваҳа-л-мазкура фӣ-л-ахбор ва-л-ашъор» («Китоб доир ба маконҳо, обу кӯҳу ёдгориҳо ва ғ., ки дар ривояту шеърҳо зикр шудаанд»).

Дар китоб шарҳи номи қариб 3000 мамлакату вилоят, шаҳру қасаба, баҳру дарё, дашту кӯҳ, қалъаву работ ва ғ. мувофиқи қоидаи қадимаи таснифоти чуғрофӣ ба «ҳафт иқлим» омадааст. Инчунин маълумоти нодири таърихӣ ва намунаҳо аз адабиёт илова шудааст. Зимни маълумот оид ба кишварҳои Шарқи Миёнаву Наздик ва Осиё, дар асар номҳои географӣ ва тасвири шаҳрҳову вилоятҳо, дарёю воҳаҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Марв, Фарғона, Хоразм низ зикр ёфтаанд, ки қимати илмӣ ва таърихиашон барои мо муҳим аст. Луғат баъдтар аз тарафи Абумусо Муҳаммад ибни Умари Исфаҳонӣ (ваф. 1185) ва Абубакр Муҳаммад ибни Мусои Ҳозимӣ (ваф. 1188) таҳриру такмил шудааст.

АБУЛФА́ТҲ ПИНДО́РИ РОЗӢ Камолуддин ибни Абунаср Хотирии Розӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1010/11), шоири форс-тоҷик. Оид ба даврааи наврасӣ ва таҳсилоташ дар сарчашмаҳои адабӣ маълумот дарҷ нагардидааст. А. дар дарбори Маҷдуддавлаи Дайламӣ (ҳукмр. 997 – 1029) хидмат мекард. Ба забонҳои форсии дарӣ, арабӣ ва лаҳҷаи табаристонӣ (дар баъзе сарчашмаҳо дайламӣ, розӣ гуфтаанд) шеър мегуфт. Аз осораш дар навъҳои адабии ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғ. 108 байтро муҳаққиқони адабиёт ҷамъоварӣ намудаанд. Мавзӯъҳои ашъораш тараннуми хушиҳои зиндагӣ, андешаҳои фалсафӣ ва ғ. мебошанд, ки баъдан дар рубоиёти Хайём низ ба таври густурда интишор ёфтанд. Мувофиқи маълумоти Ҳоҷӣ Халифа А. бо номи «Мунтахаб-ул-фурс» луғати тафсирие доштааст. Абёти зерин намунае аз ашъораш мебошанд:

Аз марг ҳазар кардан ду рӯз раво нест,
Рӯзе, ки қазо бошаду рӯзе, ки қазо нест.
Рӯзе, ки қазо бошад, кӯшиш надиҳад суд,
Рӯзе, ки қазо нест, дар ӯ марг раво нест.

***

Мушкин килке сару бунболое,
Во ду чашми шаҳлою чӣ шаҳлое.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958; Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII – XIV, қисми 1, Д., 1976.

М. Диловаров.

АБУЛФА́ТҲИ БУСТӢ Алӣ ибни Муҳаммад ибни Юсуф ибни Муҳаммад ибни Абдулазиз (971, Буст – 1009/10, Бухоро), шоири форс-тоҷик. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ А. Б. дар зодгоҳаш илмҳои расмии даврашро омӯхта, дар синни камолот чун шоир ва донишманд дар байни аҳли илму адаби замонаш шӯҳратманд гардидааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигор Муҳаммад Авфӣ («Лубоб-ул-албоб») А. Б. ду девони ашъор – яке ба форсии тоҷикӣ ва дигаре ба арабӣ доштааст. Аз ашъори форсии тоҷикиаш то замони мо намунаҳои кам боқӣ мондаанд. Шеърҳои зиёди арабиаш дар сарчашмаҳои ба забони арабӣ таълифшуда маҳфузанд. Қасидаи арабии ӯ «Нуния» хеле машҳур буд. Онро шоири форс-тоҷик Бадри Ҷоҷармӣ (ваф. 1287) ба забони тоҷикӣ гардондааст. Шоирони зиёде дар тақлиди «Нуния» қасидаҳо навиштаанд. Манучеҳрии Домғонӣ дар яке аз қасидаҳояш А. Б.-ро дар радифи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ ва диг. ном бурдааст. А. Б. «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ ва як шеъри Дақиқиро ба забони арабӣ гардондааст. Абёти зерин намунае аз навиштаҳои А. Б. мебошанд:

Яке насиҳати ман гӯш дору фармон кун,
Ки аз насиҳат суд он кунад, ки фармон кард.
Агарчи қувват дорию иддати бисёр,
Ба гирди сулҳ гирою ба гирди ҷанг магард.
На ҳар кӣ дорад шамшер ҷанг бояд рафт,
На ҳар кӣ дорад позаҳр заҳр бояд х(в)ард.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958; Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Мардони Т. Н., Арабско-таджикское двуязычие в поэзии IX–X веков, Д., 1993.

Т. Мардонов.

АБУЛФА́ТҲИ СИҶЗӢ ибни Аҳмад (тақр. 954 – 1024), шоҳмотбоз, файласуф, мунаҷҷим ва риёзидон. Муаллифи «Китоби шатранҷ». Нусхаи қадимии ин асар (бештар аз 300 сах.) с. 1313 ҳ. дар Бухоро рӯнавис шудааст, ки он ҳоло дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст. А. С. дар аввали китоб ақидаҳои фалсафию иҷтимоии худро баён намуда, дар хусуси фазилатҳое, ки шатранҷ дар асоси онҳо бино ёфтааст, ҳикматҳое, ки дар ин бозии зебо ниҳон аст, дар бораи одоби бозӣ ва ғ. мухтасар маълумот медиҳад. А. С. инсонро пуриқиматтарини мавҷудоти олам дониста, омӯхтани бозии шатранҷро воситаи равшан кардани фикру зеҳн ва тақвияти ақлу дониши он мешуморад. Дар хусуси таърихи пайдоиши шатранҷ сухан ронда, устодон ва муқаддимони ин санъатро ном мегирад. Ӯ дар асоси маъхазҳои қадимӣ ба чунин хулоса меояд, ки шатранҷ аз ихтирои ҳиндуён набуда, балки онро дар а. 6 ба Ҳиндустон аз Эрон бурда, тағйир медиҳанд ва дар он ҷо шатранҷи ҳиндӣ ба вуҷуд меояд, ки бо шашхол бозӣ карда мешудааст. А. С. дар бораи шоҳмотбозони замони худ ва олияҳои (гроссемейстерҳои) пешин, навъҳои бозии шатранҷ, аз ҷумла бозӣ бо шергӯй, ки шеърҳо ба рафти бозӣ алоқаманданд, бозӣ бо ҳисоби математикӣ, дар хусуси қимати (қуввати нисбии) ҳар мӯҳра дар рӯи натъ (тахтаи шоҳмот) маълумот медиҳад. Дар асар 10 таъбия (дебют), бештар аз 250 мансуба (этюд, масъала) ва бисёр намунаҳои наводири шатранҷ оварда шудаанд, ки онҳо дар 308 диаграмма акс ёфтаанд. Дар мавзӯи шоҳмот 96 рубоӣ, 3 қасида ва байтҳои бисёр, аз ҷумла 179 байти Абусуҳайл Муҳаммад ибни Алии Бадоеъ гирд оварда шудааст. Ин асари А. С. дар Осиёи Миёна чун қомуси шоҳмот дар тӯли асрҳо хизмат кардааст. Қимати ин асар дар он аст, ки бештари маълумоташ дар маъхазҳои қадимии арабӣ (Сулӣ, Ибни Надим) дида намешаванд ва дар асоси ахбори муаллифони Хуросон ва Мовароуннаҳр таҳрир ёфта, чигунагии бозии мардумони ин ноҳияро равшан мекунад. Чунончи, дар хусуси Абурайҳони Берунӣ, ки аз ҳамасрони ӯст, гуфтааст: «Хоҷа Ҳаким Абурайҳон, ки дар ислом ҳакиме чун ӯ набудааст, он чӣ ӯ дар арсаи шатранҷ сохта, ба ҷумлаи мардумон овардааст, некӯтар ва аҷибтар аз он ҳама, ки пеш аз вай будаанд ва қиссаест, ки ин аз ҷумлаи тилисмот аст». А. С. аз шарҳи ҳоли худ хабар дода, мегӯяд: «Ман, ки Абулфатҳи Сиҷзиам, дар шатранҷ дасти тамом доштам ва аз он вақт, ки 15-сола будам, то кунун дар муддати 50 сол дар Хуросон, Ироқ, Ғазнин ва Ҳиндустон бигаштам ва ҳеҷ кас надидам, ки дар ин санъат беҳ аз ман донист ё бо ман баробарӣ тавонист». Маълум мегардад, ки А. С. дар шоҳмотбозӣ аз забардастони замони худ будааст.

И. Раҳматов.

АБУЛФИДО́ Исмоил (1273, Димишқ – 27. 10. 1331, Ҳамо), олими энсиклопедиянигори араб, таърихдон, географ; аз авлоди амирони Айюбиёни Ҳамо (Сурия). Асарҳои машҳуру маъмултарини А. инҳоанд 1) «Алмухтасар фӣ таърих-ил-башар». Ин асар ҳодисаҳо, рӯйдодҳо ва воқеаҳои то с. 1329-ро, ки аксаран аз қисмҳои кӯтоҳкардашудаи китоби таърихии *Ибни Асир* – «Ал-Комил фӣ-т-таърих» гирифта шудаанд, дар бар гирифтааст. 2) «Тақвим-ул-булдон» (дар қисмати аввали он маълумот оид ба замин , ҳафт иқлими он, баҳру дарёҳо ва кӯҳҳо; дар қисмати дуюм маълумот оид ба Хоразм ва Мовароуннаҳр дода шудаанд). 3) «Таърихи Абулфидо», воқеаҳои таърихии ҳамон замонро то с. 1329 дар бар гирифтааст. А. оид ба илми фиқҳ низ китобе бо номи «Ал-

Ҳовий» навиштааст. Асараш «Тақвим-ул-булдон» қисман ба забони русӣ тарҷума шудааст (1891, Қазон).

АБУЛФУТӮҲИ РОЗӢ Ҳусайн ибни Аҳмади Нишопурӣ мулаққаб ба Ҷамолуддин (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз намояндагони машҳури фалсафаи калом ва муфассири машҳури а. 10. Авлодаш аслан сокини ш. Рай буда, баъдан ба Нишопур муҳоҷират кардааст. Асару тафсирҳои бисёре дорад. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо тафсирҳои машҳури А. Р. «Рӯҳ-ул-ҷинон» ва «Шиҳоб-ул-ахбор» мебошанд. Дар тафсирҳояш бисёр масъалаҳоро аз нуқтаи назари фалсафаи калом шарҳ додааст. Фахруддини Розӣ дар «Тафсири кабир»-и худ аз асарҳои А. Р. истифода кардааст. Ду ҷилди тафсири А. Р. дар замони Музаффар – шоҳи Қоҷор ва се ҷилди дигараш дар аҳди Ризошоҳи Паҳлавӣ дар Эрон ба табъ расидаанд.

АБУЛХАЙР МАХДӮМИ ҲОФИЗ (1856, Самарқанд – 1916, ҳамон ҷо), мусиқидон, сароянда ва навозандаи тоҷик. Дар оилаи донишманд, шоир ва санъаткор ба дунё омада, асосҳои илми мусиқиро аз падар, санъати навозандагӣ ва сарояндагиро аз ҳунарварони зодгоҳаш омӯхтааст. А. аслан риёзидон буда, овози басо фораму хуб дошт. Махсусан, мақомҳоро моҳирона иҷро мекард. Барои аз худ кардани асосҳои илмию амалии мақомҳо ба Бухоро рафта, аз устодони мақомхон Бобоҷалол Носирзода, Бобоғиёс Абдуғанизода, Қорӣ Каромат, Мирзо Назруллоҳ ва диг. роҳу равиши иҷрои мусиқии классикиро аз худ кардааст. А. баъди бозгашт аз Бухоро дар зодгоҳаш дастаи калони иҷроии касбии мусиқии халқӣ ва классикиро таъсис медиҳад. Ҳофизи машҳури тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазиз то ба Бухоро рафтан дар ин даста асосҳои мақомхониро аз худ намудааст. А. дар инкишофи шашмақомхонӣ саҳми босазо гузошта, сабки сарояндагии ӯ дар Самарқанд ва атрофи он ҳаводорони зиёде пайдо карда буд. Бахусус қисматҳои созию овозии мақомҳои «Ирок», Дугоҳ», «Сегоҳ», «Чоргоҳ», инчунин шохаҳои тaронавии мақомҳои «Рост», «Бузург» ва сурудҳои халқӣ дар иҷрои ӯ тароват хосе пайдо мекарданд. А. чун оҳангсоз шӯҳрати калон дошта, зимни мақомҳо асарҳо тасниф кардааст. Илова бар ин ӯ ба як силсила ғазалҳои Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Бедил, Сайидо тaронаҳои дилошӯб эҷод кардааст, ки аз байни онҳо «Нақши Махдумӣ», «Уфари Махдумӣ», «Савти Махдумӣ» ва ғ. дар ҳаёти мусиқии Самарқанд эътибори зиёд доштаанд.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

АБУЛХАЙРХО́Н (1414 – 1469), хони ӯзбек, аз сулолаи Ҷуҷ. Давлати пурҳашамати ҳудудаш аз Сибири Ғарбӣ то Сирдарёро таъсис дода, дар он қабилаҳои кӯчманчии қипчоқу ӯзбек (ва ғ.)-ро муттаҳид намуд ва яке аз асосгузорони давлати феодалӣ гардид. Соли 1446 чандин шаҳру қалъаҳои гирду атрофи Сирдарёро забт карда (Оққӯрғон, Арқуқ, Ӯзганд, Сиғноқ), с. 1447 пойтахтро аз Сибир (Тура) ба Сиғноқ кӯчонд. Соли 1431 Хоразмро забт кард ва с. 1448 кӯчманчиёни ӯзбеки Моваруннаҳрро ба ҳудудашон пайваст. Солҳои 1463 – 64 аз тарафи қалмиқҳо шикаст хӯрд. Баъди маргаш давлат пароканда гардид, вале баъдтар аз тарафи набераш Муҳаммад Шайбонихон барқарор карда шуд.

Ҳамза Камол.

АБУЛҲА́ВЛ, 1) ҳайкали бузурги махлуқи хаёлӣ (рӯҳи муҳофиз, таҷассумкунандаи ҳокимияти шоҳӣ), ки танааш ба шер ва сараш ба сари одам ё ҳайвони муқаддас монанд тасвир ёфтааст. Яке аз бузургтарин А.-ҳо дар Ҷиза наздикии аҳроми Хефрен (а. 28 то м.) воқеъ аст, ки бараш 17 м ва баландиаш 38 м мебошад; 2) дар асотири Юнони Қадим ҳайкали зани хаёлӣ, ки чисмаш шермонанду болдор аст. А. гӯё дар даромадгоҳи Фива ҷойгузин шуда, роҳгузаронеро, ки ба чистони ӯ ҷавоб гуфта наметавонистанд, қатл мекардааст (чистон ин зайл буд: «Он чист, ки субҳ чорпоя роҳ меравад, рӯзона бо ду по ва бегоҳӣ бо се пой»). Танҳо Эдип, ки аз он ҷо мегузашт, ҷавоби чистонро дарёфт. Зан худро мағлуб дониста, аз қулла ба зер афканд ва аз тарафи Эдип ба қатл расонида шуд. *Н. Шарипов.*

АБУЛҲА́ЕВ Владимир Ҷалолович (тав. 12. 8. 1948, Панҷакент), химик, доктори илми химия (1996), проф.



(2008), акад. Академияи Нию-Ёрк (1977). Хатмкардаи Донишкадаи политехникии Киев (1972). Фаъолияти меҳнатиаш с. 1973 дар Сарредаксияи илмии ЭСТ оғоз гардидааст. Муҳандиси Ин-ти сохтмони зилзилабардор ва сейсмологияи АИ РСС Тоҷ. (1973 – 74). Аз с. 1974 дар Ин-ти химияи АИ ҶТ фаъолият дошта, аз ходими хурди илмӣ то ба дараҷаи муовини директор оид ба илм расидааст. Дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон низ ба донишҷӯён дарс мегӯяд. Перомуни технологияи истеҳсолоти металлургӣ, синтези пайвастҳои нави дорои хосиятҳои нимноқилӣ ва магнитӣ, назарияи ҷараёнҳои гидрометаллургӣ, металлҳои ранга тадқиқот анҷом додааст. Муаллифи 180 асари илмӣ ва 10 ихтироъ мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ 5 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд.

Ос.: Методические указания к выполнению лабораторных работ по курсу «Металлургия цветных металлов», Д., 2002; Рентгенофазовый анализ. Лабораторный практикум, Д., 2006; Лабораторный практикум по курсу «Теория гидрометаллургических процессов» , Д., 2006.

М. Маҳмудов.

АБУЛҲАЙСА́МИ ГУРГОНӢ Ҳоҷа Аҳмад ибни Ҳасан (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (ох. а. 10 – ибт. а. 11). А. Г. дар овони ҷавонӣ ба омӯхтани илму ҳикмати замони худ таваҷҷӯҳи зиёд дошта, шеърро некӯ месурудааст. Носири Хусрав дар асари худ «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ӯро ба некӣ ёд кардааст. Аз ашъори ӯ як қасида пайдо гардидааст, ки ақидаҳои фалсафию ирфонии А. Г.-ро ифода мекунад. Носири Хусрав ба ин қасида шарҳ навишта, шоир Абусаиди Нишопурӣ шарҳи абёти онро дар китоби алоҳидае ҷой додааст.

Ад.: Заҳрои Хондарӣ, Роҳнамои адабиёти форсӣ, Т., 1340 ҳ. ш. *У. Тоиров.*

АБУЛҲА́ҚИ БУХОРОӢ ибни Сайфуддин (с. тав. тақр. 1551 – вафот 1642, Ҳинд), муаррих ва географ. А. Б. асосан дар хидмати салотини Темуриёни Ҳинд будааст. А. Б. дар таърих ва география осори қобили таваҷҷӯҳе аз худ гузоштааст. Китоби «Таърихи Ҳаққӣ» аз маъруфтарин таълифоти ӯ дар илми таърих буда, шомили иттилооти фаровоне дар робита бо таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии а. 17 Ҳинд мебошад. Китоби «Ҷазб-ул-қулуб ила диёр-ил-маҳбуб» аз 17 фасл иборат буда таълифи арзишманди А. Б. дар робита бо географияи Мадинаи мукаррама аст. *Л. Бойматов.*

АБУЛҲАСА́Н АҲМА́Д ибни ал-Муаммал (с. тав. ва ваф. номаълум), адиб, шоир ва мутарҷими арабизабон (нимаи дуюми а. 10 – ибт. а. 11). Мувофиқи маълумоти Саолибӣ («Ятимат-уд-даҳр») дар назди сипаҳсолор Фоиқ ал-Хосса (ваф. 999) чун дабир хидмат мекард ва шеър ҳам мегуфт. Аз манбаъҳо 32 байти ӯ дастрас гардидааст (қасида дар мадҳи вазири Сомониён Абунасри Абузайд мақтул дар с. 997; пораҳои хамриёт ва фах-

риёт). Ҳунари дигари А. А. тарҷумаи ашъори шоирони форс-тоҷик ба забони арабӣ будааст. Саолибӣ ду байти Рӯдакӣ ва ду байти Маъруфии Балхиро, ки А. А. тарҷума карда буд, сабт намудааст.

Ад.: Занд М. И., Искусство перевода в таджикской поэзии X века, дар мачм. Рӯдакӣ ва замони ӯ, Сталинообод, 1958. *Н. Зоҳидов.*

АБУЛҲАСА́Н НОДИРУЗЗАМО́НИ ҶАҲОНГИРӢ (тав. 1588/89, Деҳлӣ – ваф. номаълум), мусаввир ва хаттоти эронӣ. Мулаққаб ба Нодируззамон. Писари мусаввир Оқо Ризо, ки аз Эрон ба Ҳиндустон кӯчидааст. Ӯ ҳунари хушнависӣ ва мусаввириро аз падараш омӯхта, дар синни 17-солагиаш чун мусаввиру хаттот шӯҳрат ёфтааст. Хати настаълиқро зебо менавишт. Яке аз мусаввирон ва муқаррабони шоҳ Ҷаҳонгир буд. То замони мо теъдоде аз мусаввара ва минётураҳои А. боқӣ мондаанд, ки аз маҳорати баланди ӯ шаҳодат медиҳанд. Яке аз аввалин асарҳои А. ба маросими тоҷгузории шоҳ Ҷаҳонгир (1614 – 15 дар Агра кашида шудааст) бахшида шудааст. Дар ин мусаввара симои амалдорони дарбор, тоҷирон, меҳмонони хориҷӣ, ҳунармандон, ходимон бисёр ҷаззоб ва ҳунармандона тасвир шудаанд. Зери ин тасвир чаҳор мисраъ шеър бахшида ба салтанати шоҳ бо хати зебои настаълиқ сабт ёфтааст. Мусаввараи дигари А. «Асафхон» (Мирзо Абулҳасан, аз амалдорони калон, падари Мумтоз Маҳал (ниг. *Тоҷмаҳал*) ва падарарӯси Ҷаҳонгир) ном дорад, ки бо назокати тасвир ва хат хеле ҷолиб аст. Минётураҳои «Шоҳ», «Диалектика» (бар ҳаккокии рассоми европоӣ И. Заделер), «Савора ва мири шикор» (ҳар се ох. а. 16 – ибт. а. 17, нусхаи мусаввараи охирин ҳам дар Музейи Британия маҳфуз аст) ва ғ. бо таносуби рангҳо ва зебоию нафосат бозёфти тозае дар санъати минётуранигорӣ мебошанд. Ҳунари А. дар офаридани образ ва тасвири манзараҳои табиат (кӯҳҳо, дарёҳо, дашту биёбонҳо, абрҳо, боғу гулистон, дарахтон ва ғ.) бо равишу сабки хос аз мусаввирони замонаш фарқ мекунад. Дар эҷодиёти А. сабку услуби минётуранигории Эрону Ҳинд, инчунин таъсири санъати тасвирии Европа мушоҳида мегардад. Теъдоде аз осори А. дар китобхонаҳо ва ганҷинаҳои Санкт-Петербург, Ромпур, Лондон ва ғ. маҳфузанд. *Л. Бойматов.*

АБУЛҲАСА́НИ ЛУКАРӢ Алӣ ибни Муҳаммади Ғазвонӣ маъруф ба Лукарии Чангзан (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (нимаи дуюми а. 10). Ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ, асосан, дар Лукар (яке аз ш-ҳои наздики Марв) гузаштааст. Ӯ дар чангнавозӣ маҳорати хуб доштааст. Шоҳи сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур ва вазири ӯ Убайдуллоҳ ибни Аҳмадро мадҳ кардааст. Муҳаммад Авфии Бухоройӣ дар «Лубоб-ул-албоб» навиштааст, ки А. Л. дар фанни шеър маҳорати баланд дошт. Абёти дастрасшудаи ӯ (ҷамъ 19 байт) дар анвои адабии қасида ва ғазал суруда шудаанд. Ба гуфтаи Муҳаммад Авфӣ А. Л. аз ҷумлаи шоironест, ки ибтидои қасидаи тамомматлаъро гузоштааст. Қасидаи тамомматлаи ӯ ин аст:

Убайдуллоҳ ибни Аҳмад – вазири шоҳи сомонӣ,
Ҳаметобад шуои дод аз он пурнур пешонӣ,
Ба сурат одамӣ омад, ба маънӣ нури субҳонӣ,
Бухоро хуштар аз Лукар, Худовандо, ҳамедонӣ,
Валекин курд нашкебид аз дӯғи биёбонӣ.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007. *У. Тоиров.*

АБУЛҲАСА́НИ МЕЪМОР (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмори форс-тоҷик (а. 12). Дар Хуросон таваллуд ва камол ёфтааст. Аз осори меъмории А. М. бинои Работи Шараф (Хуросон, 1171) боқист. Ин работ аз ҷумлаи биноҳои бисёр зебои он замон буда, дар сохтмонаш меъмор Алӣ ибни Муҳаммади Сарахсӣ низ иштирок кардааст.

АБУЛҲАСА́НИ МУЗНӢ Муҳаммад ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум – ваф. 986), муставфӣ ва вазири дарбори амир Нӯҳ ибни Мансур. А. М. пас аз қатли Абулҳусайни Утбӣ дар с. 981 вазири Нӯҳ ибни Мансур таъйин гардид. Саъйи ӯ дар ҳифзи давлати сомониён натиҷаи дилхоҳ надод, чун иқтидор ва нуфузи сиёсӣ дар дасти сарварони сипоҳиён қарор дошт. Дар замони вазирии ӯ мушкили аслии давлати сомониён Абулҳасани Симҷур буд, ки ӯ дар пайи боз гирифтани ҳукумат ва сипаҳсолории Хуросон ба-д-он сӯ ҳаракат мекард. Дар ин ҳангом сипаҳсолор Абулаббоси Тош А. М.-ро аз вазорат барканор кард ва ҷои ӯро ба Абумуҳаммад Абдурраҳмон ибни Аҳмади Форсӣ (Порсӣ) дод. А. М. бемор шуда фавтид. А. М. фарде фозил, адиб, шоир ва пеш аз вазорат муставфии девон буд. *Л. Бойматов.*

АБУЛҲАСА́НИ МУНШӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1853), хаттоти тоҷик (а. 19). Дар навиштани хатҳои арабӣ маҳорат дошт. Аз осори ӯ як нусхаи девони Носири Хусрав бо хати настаълиқ боқӣ мондааст, ки дар Китобхонаи миллии Теҳрон маҳфуз аст.

АБУЛҲАСА́НИ НАСАВӢ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1030), риёзидони а. 11 форс-тоҷик. Дар сарчашмаҳо бо шакли навишти арабии Абул-Ҳасан Алӣ ибн Аҳмад ан-Насавӣ вомехӯрад. А. Н. шогирди Ҳушёри Гелонӣ (Ҷилӣ) буд. Фаъолияти илмиаш асосан дар ш-ҳои Рай ва Исфаҳон дар дарбори султони сулолаи Бувайҳиён Маҷдуддавла ва дар ш. Ғазна дар дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ ва ғазнавиён ва баъди барҳамхӯрии салтанати ғазнавиён боз дар Исфаҳон дар замони салтанати салҷуқиён гузаштааст. Рисолаҳои зерин намунаҳо аз осори ӯст: «Китоб ал-ишбоъ фӣ шарҳ аш-шакл ал-қитъа» («Китоб дар бораи фаҳмондадиҳии шакли қитъаҳо»), «Рисола фӣ маърифат ат-тақвим вал-устурлоб» («Рисола дар маърифати тақвим ва устурлоб»). Рисолаи «Алмуқнӣ фӣ-л-ҳисоб ил-ҳиндӣ» («Мукаммал дар бораи ҳисоби ҳиндӣ») ба забони форсӣ таълиф гардида, сипас ба арабӣ тарҷума шудааст. Нусхаи арабии он ҳоло дар китобхонаи Лейден маҳфуз аст. Рисола аз 4 боб иборат буда, дар он дар бораи амалҳо бо ададҳои бутун, касрӣ, касрҳои омехта ва ҳисоби шастӣ сухан меравад. А. Н. усули содатарини аз решаҳои квадратӣ ва кубӣ баровардани ададро пешниҳод кард, ки математикони европоӣ П. Руффинӣ (1804) ва У. Горнер (1819) онро такмил додаанд. А. Н. ба асарҳои олимони Юнони Қадим Менелай ва Архимед шарҳ навиштааст. *А. Комилӣ.*

АБУЛҲАСА́НИ НУРӢ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, мулаққаб ба «Амирулқулуб» ва «Қамаруссуфия» (с. тав. номаълум – ваф. 907), яке аз мутасаввифони машҳури форс-тоҷик (а. 10). Бо Ҷунайди Бағдодӣ низ аз наздик шинос будааст. А. Н. табъу баёни шоирона доштааст. Сулламӣ дар «Ҳадоиқ-ут-тафсир» аз аҳволи ӯ зикр кардааст. Баъзе суханҳои А. Н. дар китобе ба унвони «Рисолату мақомот-ул-қулуб» гирд омадаанд. Рисолаи мазкур бо муқаддима ва таълиқот дар Бейрут нашр шудааст. Ибни Ҷавзӣ дар «Талбиси иблис» ва Ибни Таймия дар рисолаи «Ар-рад ала-л-ҳурайрия» ақволеро ба ӯ мансуб донистаанд, ки эътиқоди ӯро нисбат ба ҳулул нишон медиҳанд. А. Н. дар тасаввуф салиқаи хос доштааст. Дар боби ишқи илоҳӣ ба ақидаи муаллифи китоби «Ал-ламаъ фи-т-тасаввуф» байни А. Н. ва фақеҳони исломӣ низоъ бархоста, ба таъқиб ва таҳрики А. Н. ва ҳамфикрони ӯ анҷом ёфтааст. Ғулом Халил ном фақеҳ А. Н.-ро барои афкори ирфониаш ба куфру зиндиқа айбдор намудааст. А. Н.

бар хилофи баъзе намояндагони асри аввали тасаввуф гӯшаи узлат ихтиёр кардани суфиёнро намеписандид. Бисёр нуктаҳои таълимоти ирфониро равнақ дода, ба муқобили таълимоти аҳкомпарастонаи дини ислом баромадааст. Аз ин рӯ, фақеҳон А. Н.-ро ба куфру зиндиқа айбдор карда буданд. Роҷеъ ба таълимоти ирфонӣ ва каромоти ӯ дар тазкираҳои орифон маълумотҳо гирд омадаанд.

АБУЛҲАСА́НИ ОҒОҶӢ Алӣ ибни Илёс, маъруф ба Оғоҷӣ ё Ағаҷӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форсӣтоҷик (а. 10). Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти шоирии ӯ дар зодгоҳаш Бухоро гузаштааст. Баъди дар илму дониш ва шоирӣ шӯҳрат ёфтан, ӯро с. 977 ба дарбори шоҳи сомонӣ – Нӯҳ ибни Мансур (ҳукмр. 976 – 997) даъват намуданд. А. О. ба забони арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ шеър эҷод мекард. Муаллифи тазкираи «Ятимат-уд-даҳр» Абумансури Саолибӣ қайд мекунад, ки А. О. аз шоирони соҳибдевон буда, девони ашъораш дар Хуросон машҳур аст. Мутаассифона, девони ашъори ӯ то ҳол дастрас нагардидааст. Аз мероси адабии ӯ имрӯз 39 байт дарёфт шудааст. Шоир дар абёти парокандаи худ аз носозгории замон, қадру қимат надоштани аҳли илму ҳунар шикоят кардааст. Абёти зерин аз ӯст:

Туро фазилат бар хештан тавонам дид,
Валек фазлат – номардумисту бехирадӣ.

***

Дар гили ғурбат зи по башлиданам,
Нест мумкин рӯи ёрон диданам.

***

Тар аст замин зи дидагони ман,
Чун пой биниҳам – ҳаме фурӯ лағзам.

Ад.: Заҳрои Хонларӣ, Роҳнамои адабиёти форсӣ, Т., 1340 ҳ. ш.; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007. . *У. Тоиров.*

АБУЛҲАСА́НИ ОМИРӢ Муҳаммад ибни Абизари Нишопурӣ (Нишопур, 913 – 992, ҳамон ҷо), файласуф, мантиқшинос ва мутасаввифи Хуросонӣ. Дар зодгоҳаш ба таҳсили улуми динӣ пардохта, баъдҳо ба Балх сафар кард ва назди донишманд Абуязиди Балхӣ ба омӯзиши фалсафа пардохт. Баъди марги устодаш ба Бухоро ва аз он ҷо ба Чоч омад ва дар он ҷо назди фақеҳ Абубакри Каффол илми фиқҳ ва каломро омӯхт. Дубора ба Бухоро бозгашт. Асарҳои ӯ «Ал-аълом би маноқиб-ил-ислом», «Ал-амад ва-л-абад», «Ал-тақрир ло вачҳи-л-тақдир», «Ас-саодат ва-л-асъод фи сайр-ил-инсония» ном доранд. «Расоил»-и ӯ, ки иборат аз 4 асар мебошад, дар Уммон мунташир шудааст. А. О. ҳамчун файласуфи соҳибназар дар кутубу расоилаш масоили офариниш ва маротиби он, назари дин ба он, ахлоқу сиёсат ва дигар матолиби фалсафию диниро матраҳ намудааст. А. О. таъкид намудааст, ки агар ҳар кас мафҳумҳои луғату наҳву арӯзро ба як риштаи таҳрир кашида, дар ин кор маҳорат пайдо кунад, адиб аст ва ин сухан барои ҳандасию табиатшиносу мантиқшинос низ содиқ хоҳад буд. Вале касе, ки чунин корро анҷом дода, аз он истихроҷи маонии таквинӣ (эҷодӣ), кайҳонӣ ва илоҳӣ кунад, ӯ файласуф ё ҳаким аст. А. О. маҳалли имонро қувваи оқилона ва маҳалли куфрро қувваи мутахаййила қаламдод намуда, аввалиро навъи эътиқоди содиқи яқинӣ низ медонад, ки аз вуҷуди ҳамоҳангӣ ва таносуб байни дину фалсафа шаҳодат медиҳад. Ӯ ҳамчунин дар осораш дигар матолиби фалсафӣ, аз қабили фарқияти шинохти инсон нисбат ба шинохти умури муҷарраду рӯҳонӣ (фариштагон), илму огоҳӣ дар бораи мавҷудоти олами малакут, маротиби ваҳйро матраҳ намуда, роҳи оштӣ додани фалсафаю динро пеш гирифтааст. Дар ин робита ӯ истилоҳҳои «дини саҳеҳ» ва «ақли сареҳ»-ро истифода намуда, аввалиро дине медонад, ки аз ҳар гуна таҳрифу бидъат орӣ буда, ба таври мустақим аз сарчашмаи ваҳй нишот гирифта бошад. «Ақли сареҳ» дар назари ӯ ҷуз ақли холису холӣ аз шавоибу ибҳом (олудагиву норавшанӣ) чизи дигаре нест. А. О. дар ташаккули афкори мактабу мазҳабҳои динию фалсафӣ нақши муҳим гузоштааст.

Ад.: Абулҳасани Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф, Ал-эълом биманоқиб-ул-ислом, Т., 1367; Корбен Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ, Т., 1961; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1383. *М. Ҳазратқулов.*

АБУЛҲАСА́НИ ПУШАНГӢ Алӣ ибни Аҳмад ибни Саҳл (с. ва ҷойи тав. номаълум – 959, Нишопур), ориф ва зоҳиди Хуросон. Аз аҳли Пушанги Ҳирот буд. Зодгоҳи худро дар овони ҷавонӣ тарк карда дар Нишопур иқомат ихтиёр намуд. Ҳангоми дар Ҳирот буданаш аз Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Абдурраҳмону Ҳасан Идриси Ансорӣ ва дар Нишопур аз Абуусмони Хайрӣ илми ҳадис омӯхт. А. П. дар илми тавҳиду муомилот аз машоихи бузурги замони худ маҳсуб мешуд ва дар футувват ном бароварда буд. Дастгирии мустамандонро ба худ воҷиб медонист. Ҳангоми дар Ироқ буданаш ӯро ба илҳод муттаҳам карданд. Сабаби он дақиқан маълум нест. Хоҷа Ансорӣ дар ин маврид гуфта, ки «магар дар ақида вайро хилале буда ва ё хатое дар сухан карда.» Баъди баргаштан аз Ироқ дар Нишопур хонақоҳе барпо карда, дар он ба ибодату риёзат машғул шуд ва аз мардум канорагирӣ кард. Дар мазори Ҳамдуни Кассор мадфун аст. Аз А. П. таълифоте боқӣ намондааст.

Ад.: Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1383. *М. Ҳазратқулов.*

АБУЛҲАСА́НИ СИМҶУРӢ Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Абиумрон (с. тав. номаълум – ваф. 989, Нишопур), сипаҳсолори Хуросон дар аҳди Сомониён. А. С. маҷмӯан наздик ба сӣ сол дар мақоми сипаҳсолории ҳукумати Хуросон буд. То замони интихоби ӯ ба вазифаи шаҳнагии Нишопур (954) дар девони Бухоро фаъолият дошт. Пас аз қатли *Бакр*–сипаҳсолори Хуросон, мақоми сипаҳсолорӣ насиби А. С. гардид. Аммо сиёсати ӯ чандон бомуваффақият набуд ва дар андак муддат аз вазифа сабукдӯш шуд. Дар охирҳои даврааи Абдумалик ибни Нӯҳ бо ҳимояти вазир Абуалии Балъамӣ (961) А. С. дубора ба мақоми сипаҳсолорӣ расид ва фармон гирифт, ки бо Абумансур Абдураззоқи Тусӣ набард кунад. Пас аз саркӯбӣ ва қатли Абумансур А. С. вориди Нишопур шуд ва наздик ба бисту як сол сипаҳсолор ва волии Хуросонро буд. Зоҳиран, дар ин навбат вай тавонист бо тағйири сиёсат оромишро дар Хуросон барқарор ва мавқеияти хешро ҳифз кунад. А. С. дар ин муддат тавонист бо талоши хеш ва бо ҳамкории вазирон Абуҷаъфари Утбӣ ва Ибни Амид миёни Оли Буя ва Сомониён сулҳ эҷод намояд (972). Ин сулҳ бар нафъи амири сомонӣ буд. Бар мабнои ин қарордод Оли Буя пазируфт, ки солона маблағи 150 000 динор ба Мансур ибни Нӯҳ бипардозад. Тадричан байни амир Нӯҳ ва А. С. дар мавзӯи интихоби вазири нав ихтилоф ба миён омад. Амир Нӯҳ бар хилофи назари А. С. Абулҳусайни Утбиро ба вазорат гумошт. Миёни Утбӣ ва А. С. низ зиддият ба вуҷуд омад. Вазир фармони азли А. С.-ро содир намуд. Пас аз азли ӯ *Абулаббоси Тош* ба мақоми сипаҳсолорӣ гумошта шуд. Пас аз чанде дар як моҷаро вазир Абулҳусайни Утбӣ ба қатл расид ва вазорат ба ӯҳдаи Абулҳусайни Музнӣ вогузор шуд. Вазири нав Бодғис ва Ганҷи Рустоқро ба А. С. тақдим намуд, вале аз умури давлатӣ барканор кард. Баъди ба вазирӣ расидани Абдуллоҳи Узайр бори сеюм А. С. сипаҳсолори Хуросон таъйин гардид ва то охири умр сипаҳсолори Хуросон буд. А. С. сиёсатмадори

дурандеш, кордон, ҳушёр ва дар музокироти сиёсӣ тавоно буд. Равобити ӯ бо умаро ва волиёни Сомониён мусолиматҷӯёна сурат мегирифт. Вай аз таҷриба ва дониши дабирон ва уммоли девон ба хубӣ истифода мекард. Гурӯҳи таърихнигорон аз таваҷҷӯҳи А. С. ба олимон ва донишварон, аҳли адаб ва шеър ва ташкили маҷлисҳои илмию адабии ӯ дар дарбор сухан гуфтаанд. Як идда шоирони аҳди Сомонӣ дар васфи А. С. мадҳияҳо сурудаанд. А. С. таваҷҷӯҳи хосе бар таъсиси биноҳои иҷтимоӣ (корвонсаройҳо, масҷидҳо ва ғ.) доштааст. А. С. ба истиқрори қудрати худ ва истимрори нуфузи хонадони хеш дар Хуросон нақши босазое дошт. Баъд аз марги ӯ амири сомонӣ фарзанди А. С. – Абуалии Симҷуриро вазир таъйин кард.

АБУЛҲАСА́НИ ХАРАҚОНӢ Шайх Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Харақонӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1034), ориф, шайхи мутасаввиф ва шоири форс-тоҷик. Пас аз таҳсили улуми мутадовила ва расидан ба иршод ба умури тасаввуф машғул шудааст. Бо касби деҳқонӣ рӯз мегузаронд. Дар замони зиндагиаш дар байни хосу ом шӯҳратёр гардида буд. Мувофиқи маълумоти манобеи диниву адабӣ А. Х. бо ашхоси бузурги муосири худ Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаиди Абулхайр, Абуали ибни Сино ва диг. ҳамнишину ҳамсӯҳбат шудааст. Дар маноқиби А. Х. китобе бо номи «Нур-ул-улум» тадвин шудааст. «Нур-ул-улум» асарест, ки аз шеваи озодфикронаи тасаввуфи Хуросон шаҳодат медиҳад. А. Х. аз даҳ боб иборат буда, дар бораи маънои истилоҳоти ирфонӣ чун дарвешӣ, мурид, ғариб, ориф, ҷавонмардӣ ва ғайра тавзеҳоти мухтасар дорад. Дар «Нур-ул-улум» андешаҳои А. Х. дар бораи назария ва амалияи тасаввуф ба таври ихтисор омада, бештар ба масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дахл доранд. Чунин истилоҳоти муҳими тасаввуф – ҳаяҷон, ваҳйи қалб, муҷоҳида, риёзат дар «Нур-ул-улум» дар қолаби панду насиҳат ва ҷумлаҳои пурмаъно ва гоҳо печида баён шудаанд. Таъсири ақидаҳои А. Х. ба тасаввуфи Хуросон хеле равшан аст ва истинод ба афкори ӯ дар осори Ансорӣ, Аттор, Саноӣ, Мавлоно, Самъонӣ, Айнулқузот, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон бисёр аст. Гуфтаҳои А. Х., инчунин баъзе маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар бораи ӯ дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор, «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ ва дигар китобҳои суфия оварда шудаанд. Ба А. Х. инчунин баъзе қитъаҳои шеър ва рубоиҳоро нисбат медиҳанд.

Ад.: Бертельс Е. Э., Суфизм и суфийская литература, М., 1965; Нурулум, Китоби якто аз орифи беҳамто Шайх Абулҳасани Харақонӣ, Т., 1369 ҳ. ш.; Олимов К.. Хорасанский суфизм. Д., 1993; Олимов К,. Баррасиҳо дар тасаввуф. Д., 1998. *К.Олимов, А. Афсаҳзод.*

АБУЛҲАСА́НИ ҲАМАДОНӢ Муҳаммад ибни Абдумалик ибни Иброҳим (1070 – 1127), таърихшинос, ҷуғрофидони форс-тоҷик. Аҷдодаш аз Хуросон. Як муддат дар Бағдод таърихнависи дарбори Салҷуқиёни Ироқ – Султон Муғисуддин Маҳмуди Сонӣ (1118 – 31) буд. Асари машҳуртаринаш «Такмилаи Таърихи Табарӣ» буда, замимаест ба «Таърихи Табарӣ». Дар китоби худ ба ғайр аз шарҳи географӣ ва топографии ш-ҳои Ҳамадон, Нишопур, Ҷом, Сабзавор, Астаробод, Бағдод, ҳамчунин оид ба этнографияи аҳолии ин шаҳрҳо маълумот додааст. А. Ҳ. аксари маълумотро аз асарҳои таърихию географии пешина, монанди «Таърихи синни мулук»-и Ҳамзаи Ҳамадонӣ (а. 10) ва «Ҳудуд-ул-олам» (а. 10) пайдо кардааст. Ҷилди якуми асари ӯ «Такмилаи Таърихи Табарӣ» с. 1958 дар Бейрут ба табъ расидааст.

АБУЛҲАСА́НИ ШОЗИЛӢ Алӣ ибни Абдуллоҳ, мулаққаб ба Тоҷуддин (1196, Ғаммораи Тунис – 1258, саҳрои Айзоби Миср), мутасаввифи машҳури араб, муассиси силсилаи шозилия. Айёми ҷавониаш дар Миср гузашта, баъд муқими ш. Шозилияи Тунис шуд. Аввал ба омӯхтани улуми шаръӣ пардохта, сипас ба тасаввуф гароид. А. Ш. хонақоҳнишин набудааст ва одобу тариқати хосе ҳам бунёд накардааст, вале муридонаш минбаъд аз рӯи асарҳои ӯ тариқати хосеро ба роҳ монда, онро ба А. Ш. нисбат додаанд. А. Ш. асарҳои бисёр дорад, ки муҳимтаринашон «Ҳизб-ул-фатҳ», «Ҳизб-ун-наср», «Ҳизб-ул-кабир» ва «Китоб-ул-ахавот» мебошанд. Асоси таълимоташ суханони баланди орифона ва мақсади ороаш вусул ба мақоми фано буд. Ба муридонаш одоби тариқатро омӯхта, ба назди шайхони дигар рафтанашонро ҷоиз медонист. Тариқаташ дар а. 19 аз нав ривоҷ ёфт ва ҳоло пайравонаш дар Истамбул фаъолият доранд.

АБУЛҲА́ФСИ СУҲРАВАРДӢ Шиҳобуддин Умар ибни Муҳаммад, мулаққаб ба Шайхулислом (1144, Суҳраварди Эрон – 1234, Бағдод), мутафаккири мутасаввиф, яке аз асосгузорони суҳравардия. Дар Бағдод назди амакаш Абдулқодири Суҳравардӣ улуми расмию шаръиро аз худ карда, сипас ба тасаввуф гароид. Аз Абдулқодири Гелонӣ улуми динӣ, махсусан фиқҳро омӯхт. Дар Басра муддате иқомат дошт. Сипас ба Бағдод омада, ба ваъзгӯӣ машғул шуд. А. С.-ро халифа Носируддин борҳо ҳамчун намояндаи худ ба дарбори салтанатии Руму Шом ва Хоразму Балх фиристодааст. Дар ин сафарҳояш ӯ бо Ибни Фориз, Ибни Арабӣ, Наҷмуддини Розӣ ва Саъдии Шерозӣ сӯҳбат оростааст. А. С. асарҳои бисёре навиштааст, ки мутаассифона ҳамаи онҳо то замони мо нарасидаанд. Аз осори боқимондаи ӯ «Футуватнома», «Рашф-ул-насоеҳ-ул-имония фӣ кашф-ил-фазоеҳ-ил-юнония», «Рисолат-ус-сайр ва т-тайр», «Иршод-ул-уриддин», «Ҷазб-ул-қулуб ило мавосилот-ил-махсус» ва ғ-ро ном бурдан мумкин аст. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо «Рашф-ул-насоеҳ-ул-имония фӣ кашф-ил-фазоеҳ-ил-юнония» аз рӯи мазмуну мундариҷааш ба «Таҳофут-ул-фалосифа»-и Ғазолӣ ва «Масореъ-ул-фалосифа»-и Шаҳристонӣ монанд аст. А. С. ба забони форсию арабӣ низ шеър гуфтааст. Ақидаҳои суфиёнаи худро ӯ дар асари машҳураш «Авориф-ул-маориф» баён кардааст. *Ё. Одинаев.*

АБУЛҲУСАЙН АҲМА́Д ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан машҳур ба Ҳасани Алавӣ (соли тав. ва ваф. номаълум), яке аз умарои Табаристон дар аҳди Сомониён. А. А. ба мисли бобояш Ҳасани Алавӣ ва Носири Кабир талош менамуд, ки Табаристонро аз Сомониён ҷудо кунад. Бо ин ҳадаф дар ибт. а. 10 ӯ ва тарафдоронаш чандин бор бо сипоҳи сипаҳсолорони Хуросон рӯ ба рӯ шуданд. Саранҷом ҷанг бо сулҳ анҷомида, сипоҳи амири сомонӣ ба Бухоро баргашт ва Табаристон дар ихтиёри Носири Кабир қарор гирифт. Соли 922 А. Астаробод ва Ҷурҷонро ба тасарруфи худ даровард ва хутба ба номи Абуҷаъфари Алавӣ хонд. Аммо аз дасти Симҷури Давотӣ шикаст хӯрда ба Сорӣ фирор кард. Дастнишондаи А. дар Астаробод, фарде ба исми Мокони Кокӣ бо Симҷур ҷангид ва пирӯз шуд. Баъд аз истиқрори Сомониён дар Табаристон дар ҷашни арӯсии яке аз амирони Табаристон А. А. низ дар радифи диг. шоҳзодагони алавӣ дастгир ва ба Бухоро фиристода шуд.

АБУЛЪАЛО́И ГАНҶАВӢ Низомуддин (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Пас аз таҳсили улум ва расидан ба синни камолот ба хидмати намояндаи сулолаи Шервоншоҳиён Манучеҳр (ҳукмр.

1120 – 1150) омад ва чун сардафтари шоирони муҳити адабии Шервон унвони маликушшуарроро соҳиб гашт. Инчунин тазкиранависон аз ӯ чун устоди Хоқонии Шервонӣ ва Фалакии Шервонӣ ёд кардаанд. Шоирони дарбор ба ӯ ҳасад мебурданд, дар назди ҳоким чун ифшогари рози давлат ба ӯ тӯҳмат карданд. Бар асари ин тӯҳмату иғвоҳо А. Г. аз дарбор ронда шуд. Девон доштааст, вале то ҳол дастрас нагардидааст. Аз пораҳои қасоид, ғазалҳо ва абёти боқимондааш бармеояд, ки шеърҳояш маъниву мазмуни баланд доранд. Дар онҳо мавзӯъҳои ҳасби ҳол, мадҳ, фахр, шикоят аз беадолатиҳои замона, панду андарз ва ғ-ро дарёфт метавон кард. Абёти зерин аз ӯст:

Замирам абру суҳан гавҳар асту дил дарё,
Забон мунодии ин гавҳару замона баҳо.
Ба чун мане, ки зи ақрони ҳуд сабақ бурдам,
Гар аҳли Ганҷа тафохур кунанд, ҳаст сазо.
Суханварон ба ман ар иқтидо кунанд, сазад,
Аз он қибал, ки манам қудваи ҳама шуаро…
Чу шуд равони Имодӣ ба ман гузошт шараф,
Чу рафт ҷони Саноӣ ба ман бимонд сано.
Зи лафзу мартабаю қуввату сафо назмам,
Гумон барӣ, ки зи нор асту обу хоку ҳаво.

Ад.: Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII –XIV, қисми 1, Д., 1976. *М. Диловаров.*

АБУЛЪАЛО́И МААРРӢ Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон (973, Маарра, Сурия – 1057), шоир ва файласуфи араб. Дар 4-солагӣ бар асари бемории обила нобино шуд. Аз 11-солагӣ ба шеър гуфтан оғоз кард. Дар назди падараш ва донишмандони диг. он замон илмҳои наҳву луғат, фиқҳ, таърих, фалсафа, калом, адёни ҷаҳон, ҳисобу нуҷум ва фирқаҳои исломиро омӯхт. Дар 15-солагӣ бо мақсади омӯзиши илмҳо ва андӯхтани тафриба ба шаҳрҳои Ҳалаб, Троблус, Лозақия, Санъо ва Бағдод сафар кард. Дар муддати як солу нӯҳ моҳи зиндагиаш дар Бағдод, А. М. чун шоири боистеъдоду тавоно шӯҳрат ёфт. Вале вай маҷбур шуд Бағдодро тарк намуда ба ватанаш баргардад. Яке аз сабабҳои Бағдодро тарк карданаш шеърҳои ӯ буданд, ки танқиди фақеҳон, рӯҳониёни мутаассиб, воизон, ҳокимони золимро дар бар мегирифтанд. Дар баъзе шеърҳояш А. М. фатвои фақеҳонро оид ба буридани узви бадани шахси гунаҳкор ботил донистааст. Ба сабаби иброз доштани ақоиду назариёти озодандешона А. М. ба куфру илҳод гунаҳкор карда шуд. Муҳаққиқони ҳаёт ва эҷодиёти А. М. осори ӯро беш аз 70 номгӯй донистаанд, вале бар асари ҳуҷуми румиҳо ба Маарра китобҳои А. М. аз миён рафтанд. То замони мо аз осори А. М. девонҳои ашъор – «Сиқт-уззанд» (3000 байт, ашъори дар ҷавонӣ суруда), «Лузум-мо-ло-алзам» (11000 байт, шеърҳои аз 30-солагӣ то охири умр суруда шуда), асарҳои дигар бо номҳои «Рисолат-ул-ғуфрон», «Рисолат-ул-малоика», «ал-Фусул ва-л-ғоёт», «Расоил» ва ғ. боқӣ мондаанд. Мавзӯи ашъор ва осори А. М. тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамида, мазаммати бухлу ҳасад, танқиди ҳокимони золим, рӯҳониёни мутаассиб, савдогарони фиребгар, мазаммати бодаву боданӯшӣ ва ғ. мебошад. Дар осори А. М. ҷаҳонбиниву андешаронии фалсафиву иҷтимоиаш ташаккул ёфтаанд. Махсусан, назариёти динии А. М. ҷолиби диққатанд. Дар ашъори солҳои ҷавонӣ А. М. исломро дини мубин донистааст, вале баъдан баъзе урфу одатҳои динӣ, хурофотро танқид кардааст. Кор то ба ҷойе расидааст, баъзе нукоти таълимоти исломи рошидӣ, масалан, тасаввуротро оид ба биҳишту дӯзах зери шубҳа гузоштааст. Масъалаи аз зӯҳд оғоз карда бо илҳод анҷом ёфтани андешаҳои А. М.-ро муҳаққиқон, аз ҷумла И. Ю. Крачковский таъкид намудаанд. Ба қавли ин муҳаққиқ А. М. бунёдгузори афкори илҳодомез дар таърихи мардуми мусалмон мебошад. А. М. оид ба ягонагии рӯҳу ҷисм таълимоти хусусиятҳои материалистӣ доштаро пеш гирифтааст. Таносухро ботил донистааст. Ба андешаи ӯ рӯҳ дар заминаи моддӣ пайдо шуда, баробари расидани марг фано мешавад. Хайру шар мувофиқи таълимоти ӯ, дар табиати худи инсон ҷой доранд ва ба Офаридгор вобаста нестанд. Умуман, А. М. муносибати оқилона доштанро ба масоили ҳаётӣ афзалиятнок шуморидааст. Яке аз қадимтарин маъхазе, ки аз ҳаёт ва осори А. М. иттилоъ медиҳад, «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти ин асар, ба марги А. М. 84 шоир марсия гуфта, дар санги мазори ӯ зиёда аз 200 шогирдаш номашонро сабт карда буданд. Шахси дигаре, ки дар бораи А. М. маълумоти ҷолиб додааст, Носири Хусрав мебошад. Ӯ дар «Сафарнома»-аш менигорад: «Ва ин мард дар шеъру адаб ба дараҷае аст, ки афзоили Шому Мағрибу Ироқ муқаррараанд, ки дар ин аср касе ба пояи ӯ набудааст ва нест».

Ад.: Григорян С. Н., Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока, М., 1966; Шидфар Б. Я., Абу-л-аля-ал-Маарри. М., 1985. *И. Зиёев, М. Диловаров.*

АБУЛЪАЛО́И ШУШТАРӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форсгӯи (а. 10). Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нест. Шоирону адибони а-ҳои 11 – 12 аз ӯ чун шоири забардасту тавоно ёд кардаанд. Масалан, Манучеҳрӣ А. Ш.-ро дар як шеъраш аз ҷумлаи шоирони забардасти аҳди Сомониён ном бурдааст. А. Ш. яке аз аввалин касонест, ки рисолаҳои адабиётшиносӣ таълиф кардааст. Бино ба ишораи Родуёнӣ, дар илми арӯз ба забони форсӣ-тоҷикӣ асаре таълиф карда будааст. Аз осори А. Ш. то ҳол 19 байти дар фарҳанги Асадии Тусӣ («Луғати фурс») ва «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ сабтгардида дастрас шудаанд. Ду байт ба тарзи муаммо ба номи «Алӣ» дорад, ки ин нишонае аз қадимӣ будани муаммонависӣ мебошад. Абёти дигараш дар мавзӯъҳои ишқӣ, ситоиши май нигошта шудаанд. Абёти зерин намунае аз ашъори ӯст:

Биёвар он ки гувоҳӣ диҳад зи ҷом, ки: «Ман
Чаҳор гавҳарам андар чаҳор ҷой мудом –
Зумуррад андар токам, ақиқам андар ғужб,
Суҳайлам андар хум, офтобам андар ҷом».

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

АБУЛЯНБАҒӢ Аббос ибни Тархон (с. тав. номаълум – ваф. 844), шоири форс-тоҷик. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, А. аз ҷумлаи аввалин шоиронест, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ шеър гуфтааст. Ӯ надими Бармакиён (хонадони қадими тоҷикон дар Балх) буда, бо забони арабӣ низ шеър эҷод мекардааст. Муаллифи китоби «ал-Масолик ва-л-мамолик» ибни Хурдодбеҳ, ки худ аз сайёҳони эронинажоди араб буд, аз ашъори форсӣ-тоҷикии А. чор мисраи зеринро:

Самарқанди кандманд
Ба-д-инат кӣ афканд.
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хуҳӣ.
(Самарқанди ободон,
Кӣ туро ба ин ҳол афканд?
Аз Чоч (Тошканд) ту беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ)

овардааст, ки он қадимтарин шеъри тоҷикӣ буда, ба вазни ҳиҷоӣ суруда шудааст. Аз ашъори А. ба ҷуз ҳамин чор мисраъ чизи дигаре дастрас нагардидааст.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958. *У. Тоиров.*

АБУМАНСӮР, Муҳаммад ибни Абдурраззоқ (с. тав. номаълум – вафот 963), ҳодими давлатии форс-тоҷик. Аз ашрофи ш. Туси Эрон. Муддате ҳокими ҳамин шаҳр буд. Солҳои 947 – 951 якчанд бор сипаҳсолори Хуросон таъйин гардида, боз маъзул шудааст. Давраи нисбатан оромтари сипаҳсолории ӯ с-ҳои 951 – 963 мебошад. А. ба таърихи куҳани Эрон, ҳамосаҳои қаҳрамонӣ, афсонаҳову ривоятҳо ва достонҳои бостонии мардуми эро-

нинажод таваҷҷуҳи хос дошт. Ба сабаби ҳамин дилбохтагӣ вай вазири худ Абумансури Муаммириро маъмури тадвини асаре дар таърихи подшоҳони Эрон кард. Муаммирӣ чаҳор нафар мубади донишманди деҳқоннажод (ашрофон)-ро ба Тус хонда, навиштани асареро оид ба таърихи Эрони бостон ба ӯҳдаи онон вогузошт. Асари навиштаи онҳо ба ифтихори А. «Шоҳномаи Абумансурӣ» ном гирифт. Ин асар маъхази асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ будааст. Фирдавсӣ дар бораи А. навиштааст:

Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,
Далеру бузурге хирадманду род.
Пажӯҳандаи рӯзгори накӯст,
Гузашта суханҳо ҳама бозҷӯст.
Зи ҳар кишвare мубаде солх(в) ард,
Биёварду ин номаро гирд кард.
Бипурсидашон аз нажоди Каён
В-аз он номдорону фаррухгавон.
Бигуфтанд пешаш якояк меҳон,
Суханҳои шоҳону гашти ҷаҳон.
Чу бишнид аз эшон сипаҳбад сухун,
Яке номвар нома афганд бун.
Чунон ёдгоре шуд андар ҷаҳон,
Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.

М. Диловаров.

АБУМАНСӮР ҲУСА́ЙН ибни Тоҳир маъруф ба ибни Зайла (990, Исфаҳон – 1048, Ҳамадон), олим, нависанда ва мусиқишиноси форсҷоник. Илмҳои тиб, мусиқӣ, фалсафаро дар зодгоҳаш ш. Исфаҳон аз бар намуд. Аз шогирдони боистеъдоди Абуалии Сино буда, бисёр илмҳои замонашро аз ӯ омӯхтааст. Дар илмҳои риёзиёт, фалсафа, ҳадис ва тиб таълифоти зиёд дорад, ки «Ал-ихтисор мин-ат-табиият-иш-шифо», «Шарҳи «Ҳай ибни Яқзон» аз ҷумлаи онҳост. Асари назариявии ӯ «Китоб-ул-кофӣ фӣ-л-мусиқӣ» дар пайравии «Рисолаи мусиқӣ»-и Сино таълиф шудааст. Асар аз 3 фасл иборат аст: фасли аввал дар баёни нағма ва шароити ба миён омадани он, фаслҳои дуюм ва сеюм дар баёни иқоъ (зарбҳои мусиқӣ) ва алҳон (оҳангҳои мусиқӣ) баҳс менамоянд. Асари ӯ с. 1964 бо саъй ва эҳтимоми олими араб Закариёи Юсуф дар Бағдод ба табъ расидааст.

Ад.: Рачабов А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Рачабов.*

АБУМАНСӮР ЮСӮФ ибни Исҳоқ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 976, Бухоро), вазири амирон Абдулмалик ибни Нӯҳ ва Мансур ибни Нӯҳ. Пас аз кушта шудани вазир Абуҷаъфари Утбӣ А. Ю. вазир таъйин гардид ва то охири умри ҳеш вазир буд.

АБУМАНСӮРИ БУХОРӢ, Абумансур ибни Ҳасан ибни Нӯҳи Қамарии Бухорӣ (с. тав. номаълум – ваф. 990), олими соҳаи тиб. Дар аҳди Сомониён зиндагӣ кардааст. Оид ба тиббу табобат таълифоти бисёр дорад: «Рисола андар илочи амрози садр» («Тарзу усулҳои муолиҷаи бемориҳои қафаси сина»), «*Китобу гино ва муно*», «Маҷмӯаи кабир дар адвияи муфрада», луғати тиббии «Ал-Манвир». Дар таълифоти А. Б. масъалаҳои муҳими тибби назариявӣ ва амалӣ, анатомия ва физиология, амрози гуногун, тарзу усулҳои пешгирии бемориҳо, беҳдошти об, манзил ва ғ. инъикос ёфтаанд.

Ад.: Исҳоқӣ, Ю., Тоҷиев Я., Таърихи мухтасари тибби тоҷик, Д., 1993.

АБУМАНСӮРИ МУВАФФА́Қ ибни Алии Ҳиравӣ, табиб ва дорушиноси тоҷик (а. 11). Ном ва таълифоти А. М.-ро ҳеҷ як аз соҳибони осори асримиёнагӣ зикр накардаанд. Ягона маъхазе, ки аз он метавон лаҳзаҳои ҳаёти А. М.-ро арзёбӣ кард, асари ӯ «Ал-Абния ан ҳақоиқ-ил-адвия» аст. Он аз хусуси адвияи муфрада ва хасоиси онҳо баҳс мекунад. А. М. худ дар муқаддимаи китоб навиштааст, ки расоили ҳакимони пешин ва олимону табибонро ҷустуҷӯ карда, «дар адвияву ағзияи муфрад ва… кирдори ҳар доруе ва манфиатҳову мазарратҳояш» ба тааммул нигариста, аз Буқрот, Ҷолинус, Дискуридус, Ибни Раббани Табарӣ, Ҳусайн ибни Исҳоқ, Собит ибни Қурра, Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Синон ибни Собит ва Мусо ибни Синон нақли қавл кардааст». Асар с. 1056 таълиф ёфтааст. Муаллиф дар он 585 навъи дорувorро мавриди тадқиқ қарор додааст. А. М. дар фаъолияти хеш шеваи кори пизишкони ҳиндӣ ва назариёти онҳоро бештар меписандидааст, зеро, ба ибораи худи вай, «дору он ҷо бештар аст ва ақоқир он ҷо тезтару хуштар ва ҳиммати он мардумон ба истиқсо андар ҳикмат болиғтар аст».

Ад.: Абумансур Муваффақи Ҳиравӣ, Ал-Абния ан-ҳақоиқ-ил-адвия. Ба кӯшиши Аҳмади Баҳманёр ва Ҳусайни Маҳбуби Ардаконӣ, Т., 1346; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 6, Т., 1373; Деххудо, Луғатнома, ҷ. 45, Т., 1352; Муин, Фарҳанги форсӣ, ҷ-ҳои 5 – 6, Т., 1375. *А. Ҳасанов.*

АБУМАҲМӮДИ ХУҶАНДӢ Ҳомид ибни Хизр (тақр. 930, Хуҷанд – тақр. 1000, Бағдод), муначҷим, риёзидон ва ихтироъкори тоҷик. Фаъолияти илмии А. Х. дар ш-ҳои Бағдод ва Рай гузаштааст. Замони зиндагии А. Х. ба давраи ҳукмронии Давлати Сомониён (825 – 999) рост меояд. Ӯ с. 994 дар ш. Рай, дар дабори амири бувайҳӣ Фахруддавлаи Дайламӣ ба расадбандӣ ва мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ пардохтааст. А. Х.-ро устоди Абурайҳони Берунӣ меҳисобанд. Берунӣ бори аввал бо А. Х. дар Рай шинос шуда, дар расадхонаи «Таборак» аз ӯ олати секстант (судс)-ро омӯхта буд. Ӯ дар «Китоб-ут-таҳдиди ниҳоёт-ил-амокин ли тасҳеҳ масофот-ил-масокин» ном асараш А. Х.-ро дар сохтани устурлоб ва тайёр намудану ихтирои диг. олоти нуҷумӣ фарди фавқулода ва ягонаи замон ҳисобидааст. Бинобар ахбори Берунӣ судси А. Х., ки ба шарафи ҳокими давр – Фахруддавла «Судси Фахрӣ» номгузорӣ шудааст, аз лиҳози бузургӣ ва дурустӣ аз диг. олоти нуҷумии ҳамон замон бартарӣ доштааст. Қутри судси сохтаи А. Х. 86 м буда, аз рӯи қоида ба дараҷа, дақиқа ва сонияхо тақсим шуда буд. Судси номбурдаи А. Х. дар назди шаҳри Рай, дар қуллаи кӯҳи Таборак гузошта шуда буд. А. Х. бо асбоби сохтаи худ бори аввал с. 994 қимати майли мадори Офтоб (эклиптика)-ро 23°32'21" муайян карда буд. Ин бузургӣ мувофиқи формулаи астрономи америкоӣ Ниюком (1835 – 1909) 23°34'13"-ро ташкил медиҳад, ки тафовути на он қадар бузург дорад. Асбобҳои нуҷумии расадхонаҳои Мароға (а. 13), Самарқанд (а. 15) ва Ҷайпур (а. 17) дар асос ва тимсоли судси А. Х. сохта шуда буданд. Муначҷими шинохтаи а. 16-и форсҷоник Низомиддин Абдуалӣ ибни Муҳаммад Бирчандӣ (ваф. 1525) дар «Шарҳи бист боб дар маърифати устурлоб» ном асараш Судси Фахриро дар байни ҳамаи асбобҳои астрономии Шарқи Миёна дар ҷойи аввал гузоштааст. Риёзидон ва муначҷими овозадори форс-тоҷик Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ (ваф. 1430) сохт ва тарзи истифодаи ин асбобро дар асари худ «Рисола дар шарҳи олоти расадӣ» шарҳ додааст. Аз А. Х. 2 рисолаи риёзӣ ва 6 рисолаи нуҷумӣ бо номҳои «Масоил мутафаррика ҳандасиййа», «Китоб ал-ола аш-шомила», «Рисола фӣ тасҳеҳ-ил-майл ва арз-ил-балад», «Китоб ал-амал биз-зарқола», «Рисола ас-сафиҳа ал-афоқиййа ал-мусаммо би-л-ҷомиа», «Китоб самт ал-қибла», «Китоб фӣ соат-ил-мозиййа фи-л-лайл» боқӣ мондаанд, ки дар китобхонаҳои Бейрут, Қоҳира, Оксфорд, Париж ва Теҳрон маҳфузанд. Осори боқимондаи А. Х. аз тарафи муаррихону пажӯҳишгарони хориҷӣ ба монанди Ҳоҷӣ Халифа, Абулқосими Қурбонӣ, П. Кунитш, Э. Видеман, К. Шой, А. П. Юшкевич, Б. А. Розенфелд, Н. Г.

Хайретдинова, А. Ахмедов ва диг. мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти А. Х. дар Тоҷикистон Абдуллозода Х. ва Неъматов Н. асарҳо таълиф намудаанд. А. Х. ба ғайр аз илми нуҷум дар риёзиёт ҳам нодири замон буд. Теоремаеро, ки имрӯз дар математика бо номи теоремаи Ферма маъмул аст, 600 сол қабл аз ӯ А. Х. ибтидо гузошта буд. Дар бораи рисолаи риёзӣ ва комёбии А. Х. дар соҳаи илми ҳисоб риёзидони а. 10 Абуҷаъфари Хозин дар «Рисола фӣ иншо ал-мусалласот ал-қоимати-з-завоё ал-мантиқ ал-азлоъ» ном асараш ёдовар шудааст. Дар он қайд мешавад, ки дар рисолаи А. Х. собит шудааст, ки ҳосили ҷамъи ду адади мукааб (кубӣ) адади мукааб буда наметавонад. Яъне дилхоҳ ададҳои натуралии *x, y, z*-ро пайдо кардан наметавон, ки баробарии зеринро қонеъ гардонад: $x^3+y^3=z^3$. Ҳамин теоремаи А. Х. бидуни шак ҳолати хусусӣ ва намунаи равшани теоремаи Ферма, яъне $x^n+y^n=z^n$ дар сурати $n>2$ будан аст. Ҳамчунин А. Х. дар соҳаи илми мусалласот (тригонометрия) теоремаи синусҳоро дар шакли:

$$\frac{Sina}{SinA}=\frac{Sinb}{SinB}=\frac{Sinc}{SinC}$$

низ ҳосил карда буд. А. Х. дар инкишофи назарияи мусалласоти куравӣ ва ҳалли муодилаҳои квадратӣ ва кубӣ, инкишофи илми нуҷум ва такмилу сохтани олоти расадӣ саҳми босазое гузоштааст.

Ад.: Абдуллозода Х. Ф., Абумаҳмуди Хуҷандӣ ва таърихи астрономияи халқи тоҷик, Х., 2005; Абдуллазаде Х. Ф., Негматов Н. Н., Абумахмуд Худжанди, Д., 1986; Илолов М., Комилӣ А. Ш., Илм дар замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Қурбонӣ А., Риёзидонони эронӣ аз Хоразмӣ то Ибни Сино, Т., 1350. *А. Комилӣ.*

АБУМАЪША́РИ БАЛХӢ ибни Муҳаммад ибни Умар (с. тав. номаълум – ваф. 886), мунаҷҷим. Дар Европа бо номи Абумасар машҳур аст. Бино ба маълумоти баъзе маъхазҳо А. Б. бештар аз 100 сол умр дидааст ва зиёда аз 30 асар таълиф намудааст. «Мадхал ила илми аҳком-ин-нуҷум» («Мадхали илми ҳукми нуҷум») ном асри ӯ дар Европа машҳур буд. Нусхаи хаттии асари ӯ «Мухтасар дар илми нуҷум», ки оид ба астрология аст, дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз мебошад.

АБУМУСЛИ́МИ ХУРОСОНӢ (719 ё 723, тахм. Бушанҷи Ҳирот ё Исфаҳон – 755, Мадоин), сарвари шӯриши зидди Умавиён, баъдан фармонфармои Хуросон. Ном ва кунияи А. Х. аввал Абуисҳоқ Иброҳим ибни Ҳайкон (ё Бухтагон) буда, сипас номашро ба Абдурраҳмон ибни Муслим ва кунияашро ба А. Х. иваз намуд. Мутобиқи ҳаккокии сиккаҳои давраш номи расмиаш «Абдурраҳмон ибни Муслим» будааст. А. Х. эрониюласл ва аз маволиёни Хуросон будааст. Ӯ аввал ғуломи фарде ба номи Абумусои Сарроҷ буд ва баъди аз Исфаҳон ба Куфа рафтани соҳибаш ҳамроҳи ӯ он ҷо рафт. Дар Куфа ҷунбишҳои зидди Умавиён фаъол буданд ва А. Х. ба ҷурми ҳамкорӣ бо яке аз гурӯҳҳои исёнталаб зиндонӣ мешавад. Баъди раҳоӣ аз зиндон шахсе бо номи Абусалама с. 744 А. Х.-ро ба Хуросон оварда ҳамроҳаш махфиёна мардумро муқобили хилофати Умавиён даъват мекард. Мардуми сершуморе ба ӯ гаравиданд. А. Х. ва тарафдоронаш либоси сиёҳ ба тан пӯшиданд ва шӯришашон дар таърих бо номи «қиёми сияҳҷомагон» машҳур гардид. Дар муддати кӯтоҳ А. Х. Хуросонро комилан зери назорати худ қарор дод ва тарафдорони сипоҳиёнашро ба шаҳрҳои гирду атроф мефиристод. А. Х. пас аз тасарруфи Хуросон бо сипоҳаш аз Дақла убур карда ба ҳудуди Ироқ ворид шуд. Аҳли Куфа А. Х. ва сиёҳҷомагонро хуш истиқбол намуданд. Охирин набарди А. Х. бо лашкари Умавӣ с. 749 дар ҳаволии шаҳри Мавсили Ироқ рух дод ва Умавиён шикаст хӯрданд. Сипоҳсолоре бо номи Абдумалик ибни Язиди Хуросонӣ бо фармони А. Х. ин ноҳияро ба даст гирифт. Хилофати Умавиён ба тавассути хуросониён фурӯ рехт ва ба дасти онон давлати нави *Аббосиён* бунёд гардид. Охирин намояндаи хонадони умавӣ халифа Марвон ба Миср гурехт ва оқибат с. 750 ба дасти хуросониён дар ш. Бусири Миср ба қатл расид. ас аз пирӯзиҳои пайиҳам А. Х. саъй кард, ки ҳукумати хешро дар сарзаминҳои шарқии хилофат ҳам устувор намояд. Бо ин мақсад ӯ муқобили ҳар навъ неруи низомӣ ва иҷтимоӣ, ки дар назараш сабаби эҷоди ташаннуҷ дар кишвар мегардид, ҷанги беамон эълон намуд. Ба андешаву назари ӯ ҳама гуна эътирози зидди араб маънои зидди истиқрори ҳукумати Аббосиёнро низ дошт. Аз ин рӯ ба тамоми саркардагон ҳидоят дода шуд, ки ҳамаи дастаҳо, гурӯҳҳо ва хушбинҳои шӯришгарро бераҳмона нест кунанд, зеро дар ҳамин давраҳо таҳти таъсири шӯришҳои ироқиён арабҳои муқими Бухоро ва мардуми маҳаллӣ бо сарварии Шарик ибни Меҳрӣ (750) муқобили амирони навтаъйиншуда қиём карда буданд. Зиёд ибни Солеҳи Хазоӣ с. 751 бо ҳамроҳии Қутайба ибни Туғшода ва Бухорхудот шӯришгаронро нест карда, Бухороро оташ заданд. Ҳамин тавр қиёмҳои деҳқононии мулкҳои Чочу Фарғона ва Хутталу Кеш низ саркӯб шуданд. Обрӯву эътибори А. дар байни аксари ақшори ҷомеа рӯзафзун боло мерафт. Ҳукуматдорони марказ аз ин вазъу ҳолат ба ташвиш афтоданд ва с. 755 халифа *Мансур* А. Х-ро ба дарбораш даъват карда ба қатл расонд. Пас аз қатли А. Х. бархе аз сардорон ва тарафдоронаш ба хидмати халифа Мансур камар бастанд ва иддаи содиқи А. Х. аз ин хиёнати халифа мутаассир шуда ба оҳанги хунхоҳӣ ба Хуросон баргаштанд. А. Х. на танҳо як фарди низомӣ, сипоҳсолори варзида, балки шахси фарҳангдӯст ва аз илму адаб хуб огоҳе будааст. Забони арабию форсиро батакмил медонистааст ва ҳатто ба ин ҳарду забон ҳам шеър эҷод карда будааст. Таърихнигорон ӯро амири ғамхор ва ободгари Хуросон тавсиф кардаанд. Чунончи эъмори масҷиди ҷомеи Нишопур, масҷиду бозоре дар Марв ва девору бурҷҳои гирдогирди Самарқандро ба ӯ нисбат медиҳанд. Ба таъйиди В. В. Бартолд мардуми Самарқанд таъсисоти оби шаҳрашонро ба номи А. Х. марбут медонанд ва ҳанӯз ҳам яке аз наҳрҳои бузурги он ҷоро «Коми Абумуслим» меноманд. Мардуми Хуросон А. Х.-ро то ҳаде азизу мӯътабар донистаанд, ки ӯро бар достонҳои ҳамосӣ, мазҳабӣ, қиссаҳо ва мадҳияву марсияҳо васф кардаанд, ки яке аз машҳуртаринашон «*Абумуслимнома*» аст.

Ад.: Арабский аноним XI века. Издание текста, перевод. Введение в изучение памятника и комментарий П. А. Грязневича, М., 1960; Бартолд В. В., Абу Муслим. // Бартолд В. В. Сочинения. т. 7, М., 1967; Большаков О., Абу Муслим. Ислам. Энциклопедический словарь, М., 1991; Бойматов Л. Д., Абу Муслим, Д., 2006. *Л. Бойматов.*

АБУМУСЛИМИЯ́, Муслимия, наҳзати фикрӣ ва иҷтимоӣ дар Хуросону Моваруннаҳр. Ин ҳаракат асосан баъди қатли Абумуслими Хуросонӣ бо сабаби хунбаҳои ӯ ба вуҷуд омад. Гурӯҳҳое Кисония ва Разомия эътиқод доштанд, ки Абумуслим намурдааст ва рӯҳаш ба дигаре ҳулул кардааст. Бояд барои зуҳураш интизорӣ кашид ва мегуфтанд: «имомат аз Муҳаммад ибни Ҳанифа ба воситаи Иброҳим Имом ба Абумуслим мунтақил шудааст ва билохира рӯҳи Худо ҳам дар ӯ ҳулул кардааст». Гурӯҳе ҳам дар Марву Ҳирот ба номи Кавкабия дар инти-

зори «бозгашт»-и Абумуслим буданд. Бархе духтари Абумуслимро, ки Фотима ном дошт, ба имомат бардоштанд ва мӯътақид буданд, ки Бобаки Хуррамдин аз миёни онон бархостааст. Онҳо ҳамчунин мутмаин буданд, ки аз насли Фотима шахсе ба дунё хоҳад омад, ки давлати Аббосиёнро барҳам диҳад. Вале ҳаминаш мусаллам аст, ки қиёмҳои пас аз марги Абумуслим рухдода халифаҳои аббосиро сахт ба ваҳшат андохта буданд ва шӯриши Абумуслим заминаи мусоидеро барои густариши наҳзатҳои озодихоҳии мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр фароҳам оварда буд.Ниг. Абумуслими Хуросонӣ, «Абумуслимнома» ва Шӯриши Абумуслим.

Ад.: Арабский аноним XI века, М., 1960; Бартолд В. В., Абу Муслим, // Бартолд В. В., Сочинения, т. 7, М., 1967; Болшаков О., Абу Муслим. Ислам. Энциклопедический словарь, М., 1991; Бойматов Л. Д., Абу Муслими Хуросонӣ, Д., 2006; ҳамон муалл., Саргузашти «амини оли Муҳаммад» ё сарнавишти нобиғаи инқилобии Хуросон, маҷ. «Садои Шарқ», 2007, №1. *Л. Бойматов.*

«АБУМУСЛИМНОМА́», яке аз наҳустин асарҳои насри омиёнаи форсӣ-тоҷикист. Аз нигоҳи навъи адабӣ (жанр) ин асар достони размию таърихӣ буда, падидаҳову рӯйдодҳои ҳам воқеиву ҳам хаёлиро фаро гирифтааст. Қаҳрамони марказии достон шахси таърихӣ, пешвои шӯриши зидди Хилофати Умавиён Абумуслими Хуросонист. Дар миёнаи а. 8 дар сарзаминҳое, ки мардуми эронинажод, аз ҷумла тоҷикон, маскун буданд, норозигии мардум аз Хилофати араб бар авҷи хеш расид. Намояндагони хонадонҳои Аббосиёну Алавиён аз ин ҳол баҳра ҷуста, алайҳи Умавиён бархостанд. Дар ин нукта ҳадафҳои давлатхоҳии Аббосиёну Алавиён бо ормонҳои озодихоҳонаи мардуми эронинажод мувофиқ омаданд. Аббосиён, ки худ бештар ба нерӯҳои зиддиумавии эрониён такя доштанд, Абумуслими Хуросониро ба пешвоии ин шӯриш бардоштанд. Соли 747 Абумуслим парчами сиёҳи Аббосиёнро барафрошт ва шӯриши озодихоҳиву зиддиумавии мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Эронро сарварӣ кард. Соли 750 Абумуслим нерӯҳои Умавиёнро шикаст дод ва халифа Марвони Ҳиморро кушт. Бо ҳамин хилофат ба дасти Аббосиён гузашт. Пас аз ин пирӯзӣ Аббосиён Абумуслимро амири Хуросон таъйин карданд. Аммо Абумуслим, ки худ марди сарбаланду бошараф буд, бо хулафои Аббосӣ муносибати мағруронае дошт. Аз ин рӯ Аббосиён аз ӯ хавф доштанд. Халифаи дуюми Аббосӣ Абуҷаъфари Мансур дар пайи нобудии Абумуслим афтод. Ӯ борҳо Абумуслимро назди худ хонд, аммо Абумуслим гӯш ба сухани ӯ намедод. Саранҷом с. 755 Абумуслим ба пойтахти Мансур омад. Абумансур ӯро дар кӯшки худ бурд ва хоинона бикушт. Ҳамин аст бунёди таърихии достон, ки бо воқеияти таърихӣ умумияти тамом дорад. Дар ҳама нусхаҳои дастнависи достони «А.» офарандаи онро Абутоҳири Тартусӣ (дар баъзе навиштаҳо Тарсусӣ) гуфтаанд. Мас., дар пешгуфтори яке аз тарҷумаҳои туркии «А.» гуфта шудааст, ки онро бо хоҳиши Султон Маҳмуд (ҳукмр. 998 – 1030) Абутоҳири Тартусӣ таълиф кардааст. «А.» нахуст дар шакли даҳонӣ пайдо шуда, сипас чун китоб ба табъ расидааст. Аз ишораҳои таърихномаҳо бармеояд, ки «А.» ох. а. 11 дар шакли хаттӣ мавҷуд будааст. «А.» аз оғози пайдоиши худ то с-ҳои 20 а. 20 машҳуртарин достони омиёна будааст. Дар ин муддати дароз дар сарзаминҳои паҳновари форсиён ин достон ба дигаргуниҳои фаровон дучор шудааст. «А.» падидаи муҳити демократист ва мундариҷаи ғоявии он низ дар савияи афкори ин муҳит аст. Офарандагони достон, ки худ аз миёни омиён берун омадаанд, онро ба завқу ҷаҳонбинии худ мувофиқ кардаанд. Аз ин рӯ, қаҳрамонони он, агарчи бархе аз онҳо шоҳу шоҳзодаанд, рӯҳи омиёна доранд. Қаҳрамони марказии асар Абдурраҳмон, ки кунияташ Абумуслим аст, парвардаи ҳамин муҳит мебошад. Ӯ дар деҳаи Мохони Марв ба дунё омада, дар муҳити мардуми заҳматкаш кору зиндагӣ омӯхтааст. Давлатмандон ӯро ҳезумфурӯш мегуфтанд ва бо ӯ нописандона муносибат мекарданд. Абдурраҳмон корномаҳои худро бо ёрии дӯстонаш Хурдаки оҳангар, Абутоҳири сайқалгар, Абуалии дуредгар, Абуҷаъфари гилкор, Исҳоқи кундашикан ва кишоварзону пешоварон анҷом медиҳад. Достонсароён сахт кӯшидаанд, ки роҳи қаҳрамони хешро аз ҳезумфурӯшӣ то ба пойгоҳи сипаҳсолориву амирӣ бо рангҳои ҳар чи дурахшонтар тасвир кунанд. «А.» асари пурмоҷаро аст. Мундариҷаи достон саршор аз ҳодисаҳои таърихӣ буда, бо омезаҳои ангорӣ басо паҳновару ғаниву рангинтар ба тасвир расидаанд. Аз мавқеи таърихии набарди Абумуслим бо Умавиён дар достон танҳо ишораемавҷуд асту бас. Бештар корзору корномаҳои Абумуслиму Аҳмади Замчӣ, Мизробшоҳи Ҷаҳонгири Хоразмиву Маликзод, Турки Таҳмоспу Тарид ва диг. размиёни сипоҳи Абумуслим, айёриҳои Зулобиву Боди Ялдо, Ҷонфулусу Доғуливу Каҷпо ва диг. тасвир ёфтаанд, ки аз воқеаҳои хушки таърихӣ рангинтар ба назар мерасанд. Маҳз ҳамин сабаб дар муайян кардани жанри асар душворие пеш меорад. Набардҳои танбатани паҳлавонон асарро ба ҳамосаи размӣ наздик сохтааст. Он моҷарову саргузаштҳои шигифтовар, ки айёрон аз сар мегузаронанд, асарро ба жанри роман (ба истилоҳи имрӯза) монанд мекунанд.

«А.» яке аз ҷолибтарин достонҳоест, ки расму ойини мардуми одӣ, муҳити зиндагӣ ва андешаву ангораи зебоишиносии ононро басо дурахшону рангин бозтоб кардааст. Он муҳити озоду демократие, ки достонгӯёну шунавандагони ононро фаро гирифтааст, як омили муҳими ошкоро баён кардани ниҳонтарин розҳо дар достон гардидааст. Ҳамин муҳит барои кор бастани хандаи омиёна дар достон созгорӣ кардааст. Ханда яке аз муҳимтарин воситаҳои корбасти андешаву орзуҳои мардуми ранҷбар дар ҳунарномаҳои онҳо буда, муносибати офарандагони ин достонро ба ҳастӣ ва рӯзгори иҷтимоиву сиёсии замон ифода мекунад. Ин вижагии муҳтавои достон онро аз баландии вижагии жанрии ҳамосаи размӣ ба зер оварда, бо муҳити зиндагии офарандагону шунавандагони он ҳамсоз мекунад ва ҷанбаи романии онро меафзояд. Бархе кирдорҳои зишти қаҳрамонони маҳбуб ақидаи деринаи нодурустеро, ки гӯё «А.» асари динист, аз бех инкор мекунад. Дар достон ғояҳои иҷтимоии давр бо ҳаводиси таърихии рӯзгор дар ҳамбастагӣ тасвир шудаанд. Адолатхоҳӣ, ки мардуми ранҷбар ҳамеша хостори он будаанд, дар маркази тасвири достони «А.» ҷой доранд. Аммо ҳар намояндаи гурӯҳи ҷомеа ин пиндорро аз дидгоҳи суду зиёни худ шарҳ медиҳаду мепазирад. Дар достон, ки офаридаи мардум аст, падидаҳову рӯйдодҳои таърихӣ, иҷтимоиву сиёсӣ бештар аз дидгоҳи онон шарҳ ёфтаанд. Ҷаҳони рангини достонии асар ҷаҳони ормону андешаҳои худи мардум аст. «А.» борҳо ба забонҳои туркӣ тарҷума шуда, дар миёни мардуми туркизабон низ шӯҳрати тамом дорад.

Нашр: Абумуслимнома, Д., 1994.

Ад.: Салимов Ю., Насри ривоятии форсу тоҷик, Д., 1971; Брагинский И. С., Очерки из истории таджикской литературы, М., 1958; Борщевский Ю. Е., Персидская народная литература. Плутовка из Багдада, М., 1963; Чиллаев К., Народный роман «Абумуслимнаме», Д., 1985. *Қ. Чиллаев.*

АБУНА́СР, Бунаср, номи пуррааш Абунаср ибни Муҳаммад, машҳур ба Бунасри Мутриб (889, Марв – 961, Бухоро), мусиқидон, навозанда ва сарояндаи форсу тоҷик (а. 10). А. илмҳои замонашро дар зодгоҳаш омӯхта, барои такмили пешаи навозандагӣ ба Бухоро меояд. Дар ин ҷо назди Абулаббоси Бахтиёр асосҳои назариявии мусиқиро меомӯзад. А. дар иҷрои достонҳои қаҳрамонӣ ва ҳамосӣ истеъдоди беназир дошт ва дар ҳунари иҷрой мӯътақиди сабки қадимии мардумони эронӣ буд. Дар пайравии «Хусравониёт»-и Борбад силсилаи нави сурудҳои «Роҳи мовароуннаҳрӣ»-ро эҷод кардааст Дар овозхонӣ аз ифодаҳои мураккаби авҷӣ истифода намудааст ва ба-д-ин сабаб ӯро устодаш Абулаббоси Бахтиёр «Бунасри зилхон» ном бурдааст. Мавзӯи таснифоти А. сурудҳои ҷашнӣ ва маросиму оинҳои халқӣ, инчунин тараннуми далерӣ, шуҷоатмандӣ, ватандӯстӣ ва ғ-ро дар бар мегирад. Ӯ оид ба мусиқӣ рисолае низ доштааст, ки ба мо нарасидааст.

Ад.: Рачабов А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008. *А. Раҷабов.*

АБУНА́СРИ АБУЗА́ЙД Аҳмад ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум – қатл баҳори 997), котиб ва вазири дарбори Оли Сомон дар аҳди амир Нӯҳ ибни Мансур. А. А. дар даврони ҳукумати амир Нӯҳ ду бор вазир таъйин шудааст: бори аввал дар с. 990 пас аз азли Абуалии Домғонӣ, вале ин давраи вазирӣ дер давом накардааст. Сипас пас аз рамазони с. 996 бо мусоидати Носируддин Сабуктегин бори дуюм ба мансаби вазирӣ расидааст. Вазири нав барои ба эътидол ва истиқрор овардани вазъи парешони кишвар кӯшишҳо кардааст. Дар иҷрои ин вазифа таърихнависони давр ӯро барои фазилатҳои хуҷаставу сифатҳои ҳамида, кордонию соҳибтадбириаш тавсиф кардаанд. Аз ҷумла Муншии Кирмонӣ дар китобаш «Насоим-ул-асҳор мин латоим-ул-ахбор» дар ин бора чунин нигоштааст: «Ва ӯ бо фунуни хисоли ҳамида ва одоби мурзия мутарашшеҳи мансаби вазорат ва дар фазлу ҳунар ва дар сахову ато беҳамолу қарин буд…». Вале, мутаассифона, вазирии А. А. ин дафъа низ дер накашид ва ӯ ба дасти ғуломонаш ба қатл расид. Ду мадҳияи шоири зуллисонайни охирҳои аҳди Сомониён – Абулфатҳи Дӯстӣ дар ҳақи А. А. дар «Таърихи Яминӣ»-и Абунасри Утбӣ сабт ёфтаанд. *С. Абдуллоев, Н. Зоҳидов.*

АБУНА́СРИ ҚУБОВӢ Аҳмад ибни Наср (с. тав. ва ваф. номаълум), адиб, тарҷумон ва таърихнигори форс-тоҷик (а. 12). Дар баъзе манобеъ ва асарҳои таҳқиқӣ нисбаи ин шахс Бухорой омадааст. Аз корҳои ба анҷом расонидаи А. Қ. тарҷумаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мебошад. Наршахӣ ин асарро барои ҳукмрони сулолаи Сомониён Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ навишта буд. А. Қ. дар тарҷумааш «Таърихи Бухоро»-ро андаке ихтисор кардааст, вале дар баробари ин ба он таърихи сулолаи Қарахониён ва баъзе воқеоти таърихии то с-ҳои 1128 – 29 дар Осиёи Миёна рӯйдодаро илова намудаааст. Нусхаҳои «Таърихи Бухоро»-и тарҷумакардаи А. Қ. дар Шӯъбаи дастнависҳои Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ, Ганҷинаи дастнависҳои Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, инчунин дар китобхонаҳои Тошканд, Москва, Санкт-Петербург маҳфузанд.

АБУНА́СРИ МАНСУ́Р ибни Алӣ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1036), мунаҷҷим ва риёзидони хоразмӣ. Наҳустин устоди Абурайҳони Берунӣ. Бахшида ба шогирдаш дар боби нуҷуму риёзиёт 12 рисола таълиф намудааст. Ба қавли Умари Хайём «риёзидони бузурги даврон» буд. Дар Хоразм бо Ибни Сино, Абусаҳли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор ва Абурайҳони Берунӣ ҳамкории илмӣ дошт. Доир ба тригонометрия ва астрономия чанд асар менависад, ки «Ал-Маҷастӣ ашшоҳӣ» («Ал-Маҷастии шоҳӣ»), «Рисола фӣ-л-устурлоб» («Рисола доир ба устурлоб») аз қабили онҳост. Ба асарҳои олимони Юнони Қадим Менелай ва Евклид (Уқлидус) шарҳ навиштааст.

АБУНА́СРИ МУШКО́Н Мансур (с. тав. номаълум – ваф. 1039 – 40, Ғазна), насрнавис ва адиби форсгӯи тоҷик. Пас аз таҳсили улуми мутадовилаи давр ба хидмати давлати Ғазнавиён дохил шуд. Муддати 30 сол дар девони рисолати султон Маҳмуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 998 – 1030) ва писари ӯ Масъуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 1030 – 41) вазифаи дабириро ба ӯҳда доштааст. Дар дарбор яке аз шахсони мӯътабар ба шумор мерафт. Султонҳо Маҳмуд ва Масъуд оид ба корҳои муҳими давлатӣ бо вай маслиҳату машварат мекарданд. А. М. аз нозукиҳову нафосат, обу ранги бадеии забонҳои форсиву арабӣ огоҳӣ дошт. Бо амри султонҳо номаҳои давлатиро бо сабку услуби маъмул дар номанигорӣ (зебу орои сухан, истифода аз саноеи бадеъ ва ғ.) иншо мекард. А. М. дар дарбори султон Масъуди Ғазнавӣ 19 сол ҳамроҳ бо таърихнигор Абулфазли Байҳақӣ ҳамкор буд. Байҳақӣ А. М.-ро чун устоди худ эътироф кардааст. *Т. Неъматзода.*

АБУНА́СРИ САРРО́Ҷ, Абунаср Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммад Яҳъёё (с. тав. номаълум – ваф. 987, Тус), фақеҳ ва мутасаввиф (а. 11), мулаққаб ба «Товус-ул-фуқаро». А. С. аз авлоди зоҳидон буда, ба Димишқ, Бағдод, Басра, Қоҳира ва бисёр ш.-ҳои Эрон сафар кардааст, таассуроти сафар ва мулоқоти худро бо машоихи суфия дар китоби «*Ал-ламаъ фи-т-тасаввуф*» ҷамъ овардааст. Шогирди А. С. Абулфазли Сархасӣ мебошад, ки роҳнамои суфии бузурги Хуросон *Абусаиди Абулхайр* будааст. А. С., ба қавли Ҷомӣ, ғайр аз китоби зикршуда асарҳои дигаре ҳам доштааст, ки мутаассифона то ҳол аз онҳо осоре пайдо нест. Ҳамчун муаррихи тасаввуф А. С. кӯшидааст, ки таълимоти тасаввуфи мӯътадилонаро инкишоф диҳад. Ақидаҳои А. Р. роҷеъ ба каромат ва диг. ҷиҳатҳои таълимоти тасаввуфӣ на фақат ба омӯзиши таҳаввули афкори ирфонӣ, балки ба шарҳу баёни нуқтаҳои алоҳидаи намоядагони тасаввуф, аз ҷумла шатҳиёти суфия аҳамияти калон доранд.

АБУНА́СРИ ТОЛИҚОНӢ Аҳмад ибни Иброҳим (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Дар тазкираҳо аз ӯ чун шоири дарбори Салҷуқиён ва вазири машҳур – Низомулмулк (1017 – 92) сухан меравад. Девонаш дастрас нагардидааст, вале қасоиди бисёре аз ӯ дар тазкираҳо омадааст, ки баъзеи онҳо дар мадҳи Низомулмулк мебошанд. Ба ғайр аз ин аз А. Т. рубоиҳои панду андарзӣ, ишқӣ ва ғ. дастрас гардидаанд. Абёти зерин намунае аз эҷодиёти ӯст:

Накунад бо адӯ мудоро суд,
Зӯ ба ҳар ҳол дур бояд буд.
Гарчи дорӣ ба ноз каждумро,
Бигазад, ҳар кучо биёбад, зуд.

С. Имронов.

АБУНА́СРИ ФАРОҲӢ Бадруддин ибни Ҳусайн ибни Ҷаъфар (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). А. Ф. мусаннифи фарҳанги арабӣ-форсии «Нисоб-ус-сибён» аст, ки бо супориши вазири маъруфи Салҷуқиён Низомулмулк (1017 – 92) нигошта шудааст. Дар пайравӣ ба ин асар донишмандони бисёре фарҳангҳои гуногун таълиф кардаанд. Яке аз корҳои дигари А. Ф. ба назм даровардани асари Шайбонӣ «Ҷомеъ-ус-сағир» мебошад (1116).

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1333 ҳ. ш; Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.
С. Воҳидов.

АБУНУВО́С Ҳасан ибни Ҳонӣ (762, Аҳвоз – 813, Бағдод), шоири арабизабони эронинажод. Дар ҷавонӣ аз падар маҳрум шуд. Ҳамроҳи модараш ба Басра кӯчида, дар назди Волиба ибни Ҳубоб ном шоири араб аз шеъру шоирӣ сабақ гирифт. Пас аз муддате А. дар шоирӣ шӯҳрат ёфт ва ба Бағдод рафта, дар силки шоирони дарбори халифаҳо Ҳорунуррашид ва Амин ворид гардид. А. дар тамоми навъҳои назми арабӣ шеър гуфтааст. Ӯ чун бунёдгузори навъи тардиёт (шеърҳо дар васфи шикор) шинохта шудааст, вале А. бештар бо хамриёт (шеърҳо дар васфи май, бодаю соғар) шӯҳратманд гардидааст. Ба шарофати А. хамриёт дар адабиёти араб мавқеъ пайдо кард ва ба навъи мустақили эҷодӣ табдил ёфт. Зимни тасвири бодаю соғар, лаҳзаҳои гуворои ҳаёт, таваҷҷуҳи бепоёни худро ба тамаддуни ниёгонаш ифода намудааст ва ақоиди шуубияи худро иброз доштааст. А. дар ашъораш аз калимаҳои форсӣ хеле фаровон истифода намудааст. Дар офаридаҳои ӯ номи шахсиятҳои таърихӣ, асотирӣ, фолклории пешазисломӣ вомехӯранд, тасвири расму оин ва анъанаҳои зардуштӣ ба назар мерасанд. Чунин шеърҳои А. бо номи «форсиёт» маъруфанд. А. чун шоири озодандеш, шӯхтабъу ҳозирҷавоб, базлагӯю зиндадил дар байни халқ машҳур буд. Аз ин ҷост, ки дар бораи ӯ ва ё аз номи ӯ латифаҳои мутоибаиву ҳазломез ба миён омадаанд. Ашъори боқимондаи А. дар ҳудуди 12 ҳаз. байт аст, ки дар девоне фароҳам омада, ба жанрҳои адабии мадҳия, марсия, ҳаҷвия, хамрия, тардид ва ғ. тақсимбандӣ шудаанд. Девони А. с. 1962 дар Бейрут ба табъ расидааст. Намунаҳо аз эҷодиёти А. ба забонҳои англисӣ, немисӣ, русӣ ва ғ. тарҷума шудаанд.

Ад.: Шидфар Б. Я., Абу Нувас, М., 1978; Фильштинский И. М., История арабской литературы, М., 1985.
Н. Зоҳидов

АБУСАИ́Д ибни Муҳаммад ибни Мироншоҳ ибни Темур (1424, Самарқанд – 1469, номаълум), ҳаштумин султони Мовароуннаҳру Хуросон аз хонадони Темуриён (1451 – 69). Абераи амир Темур, набераи Мироншоҳ. Кӯдакӣ ва навҷавониашро дар Самарқанд назди Улуғбек сипарӣ кардааст. Ҳангоми қатли Улуғбек бо ҳукми Абдуллатиф дар зиндон буд, лекин баъди марги ӯ аз асорат раҳоӣ ёфта ба Бухоро рафт. Баъдтар бо кӯмаки Абулхайрхони ӯзбек аз Тошканд ба Самарқанд омад ва июни с. 1351 рақиби худ Абдуллоҳ ибни Иброҳимро (набераи дигари Шоҳрух), ки ба ҷои Абдуллатиф нишаста буд, қатл кард. Пас аз ин ӯ иқтидори худро дар ҳудуди Мовароуннаҳру Туркистон, Хуросону Мозандарон ва бахшҳои Афғонистони имрӯза ба муддати мадид устувор намуд. Дар ҳамон вақт Эрон (Озарбойҷон), Ироқи Араб, Ироқи Аҷам, Исфаҳону Форс ва бахши Хуросон дар тасарруфи хонадони Қароқуюнлу қарор доштанд. А. кӯшиш кард империяи бобошро барқарор кунад, лекин ин иқдоми ӯ натиҷаи дилхоҳе надод, зеро байни шоҳзодагони темурӣ Муҳаммад ибни Бойсунқур, Абулқосим Бобур ва диг. ҷангу ҷидол идома доштанд. Соли 1452 салтанати Темуриён, ки ҳафтод сол пеш барқарор шуда буд (дар Эрону Байнаннаҳрайн), аз байн рафт. Соли 1460 Ҳусайн Бойқаро (набераи Умаршайх) Ҳиротро, ки А. аз дасти Қароқуюнлуҳо бозпас гирифта буд, зери тасарруфи худ дароварад. А. бо кӯмаки ӯзбекон қудрати худро барқарор карда бошад ҳам, шӯришҳову қиёмҳои шоҳзодагони темурӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон қатъ нагаштанд. А. дар юриши зидди Оққуюнлуҳо с. 1469 шикаст хӯрд ва ҳангоми фирор (5 февр. 1469) аз тарафи Ёдгор Муҳаммад (набераи Шоҳрух) дастгир карда, ба қатл расонда шуд (А. Гавҳаршод – ҳамсари Шоҳрухро 12 сол муқаддам дар Ҳирот ба қатл расонда буд). Заволи қатъии империяи Темуриён бо марги А. сар шуд. Пас аз ин Узун Ҳасан Эрони ғарбӣ ва марказиро бо Табрезу Бағдод, Султония, Рай, Исфаҳон, Шероз ва Кирмон зери тасарруфи худ дароварда. А. тавонист дар салтанати 18-солааш дар давлатдорӣ Мовароуннаҳр ва Хуросонро устувор нигаҳ дорад, лекин дар ҷиҳати эҳёи империя ба мурод нарасид. Барои пешрафти сиёсати худ такя ба қабилаҳои туркнажоди арғун мекард. Воситаи муҳимтарини қудрати ӯ суюрғол, яъне бахшоиш ва вогузорӣ ба сардорони қабила ва ашрофи туркӯ тоҷик буд. А. худро мурити Хоҷа Аҳрор медонист. Сиёсати А. дар заминаи умури дохила таъмини пешрафти кишоварзӣ ва тиҷорат буд. Боз ҳам фаровон ва беҳтар гардонидани системаи обёрӣ (наҳрҳо, корезҳо, ҷӯйборҳо, чоҳҳо ва ғ.) аз муҳимтарин самтҳои сиёсати иқтисодии А. маҳсуб мешаванд.

Ад.: Мухторов А., Амирон ва вазирони сомонӣ, Д., 1997; Номаи Оли Сомон. Маҷмӯаи мақолот. Маҷмӯаи илмии тамаддун, таърих ва фарҳанги Сомониён, Т., 1377; Фрай Р. Н., Сомониён. // Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то омадани давлати Салҷуқиён. Аз фурӯпошии давлати Сосониён то омадани Салҷуқиён, Т., 1380; Ноҷӣ Муҳаммадризо, Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён, Т., 2007.
Л. Бойматов.

АБУСАЙД (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Самарқанд (1530 – 33), писари Кӯчкинчихон аз сулолаи Шайбониён, бародари Абдуллоҳхони I. Бо супориши А. дар чануби Регистони Самарқанд мадрасаи кабудгунбази «Чилдухтарон»-ро бино кардаанд, ки дар он Кӯчкинчихон бо се писараш, аз ҷумла А. ва се набераш дафн шудаанд. Ҳоло санги мармари ниҳоят зебои сари қабри А. дар музейи Самарқанд буда, яке аз намунаҳои санъати нафиси ҳаккокӣ ва хаттотии а. 16 ба шумор меравад.
А. Мухторов.

АБУСАЙД БАҲОДУРХО́Н, охирин хони муғул аз силсилаи *Элхонҳо*. А. С. пас аз марги падараш Ӯлҷойтухон (1316) дар Табрез ба тахти салтанат нишаст, вале чун ҷавон буд, қудрати воқеӣ дар дасти амир Чӯпон қарор дошт. Авзои сиёсии ин давра ба сомон набуд; амирони муғултабор пай дар пай қиём мебардоштанд. Оқибат с. 1324 амирони муғул бар зидди амир Чӯпон шӯриданд. Вазири нав Нусратуддин Одили Насавӣ натавонист дар ислоҳи умури идорӣ муваффақ шавад. Дар натиҷаи даргириҳо, А. С. бо баҳонае амир Чӯпон ва фарзандони вайро ба қатл расонд (1338). Рӯйдодҳои сиёсӣ ва низомие, ки дар ин муддат рух доданд, ғайримустақим боиси равнақи нуфузи Усмониёни турк дар Осиёи хурд гардиданд. Пас аз қатли амир Чӯпон, давраи нави ҳукумати А. С. оғоз мешавад, вале дар Хуросон ошӯбҳои амирони муғул дубора шиддат гирифтанд. Ҳар як аз амир ё волии элхониён хоҳони истиқлол шуда, ноҳияи Ҳирот, Балх, Нишопур, Мозандаронро пайваста ғорат мекарданд. *Оли Карти* Ҳирот низ барои истиқлоли хеш мубориза мебурд. Муғулони чағатоӣ пайваста ба шаҳру вил. Хуросон ҳамла мекарданд. А. С. тавонист шӯриши Тош Темур ва Норин Туғойро саркӯб намояд. Ба ҳамин тариқ, А. С. ҳукумати худро дар Хуросон барқарор кард, вале дар юриши зидди *Ӯзбакхон* (1336) бар асари беморӣ дар Қаробоғи Озарбойҷон даргузашт. А. С. сиёсати мусолиматомезе бо мамлукони Миср дошт. Иддае аз шоирони маъруфи он рӯзгор,

аз қабили Хочуи Кирмонӣ, *Авҳадии Марогаӣ*, *Аҳмади Табрезӣ* шахсият ва фазоили А. С.-ро тавсиф кардаанд. А. С. илова бар сурудани шеър, хати арабиро хеле зебо менавишт. Ҳамчунин ба мусиқӣ низ муҳаббат дошт ва удро некӯ менавохт. *Л. Бойматов.*

АБУСАЙД МАХДӮМ (с. тав. номаълум – ваф. 1910, Самарқанд), хаттот ва кишваршиноси тоҷик, гирдоварандаи дастнависҳои шарқӣ ва осори атиқа. Аз оилаи мударрис. Дар Мадрасаи Тиллокории Самарқанд таҳсил кардааст. Аз овони ҷавонӣ ба таъриху маданияти тоҷик ва диг. халқҳои Осиёи Миёна шавқи зиёд дошта, ҳангоми таҳсил дар мадраса бисёр асарҳои таърихиро гирдоварӣ ва китобат намудааст. Дертар бо шарқшиносони рус Н. И. Веселовский, В. В. Бартолд, В. Л. Вяткин, А. А. Семёнов шинос шуда, дар омӯзиши осори ниёгони тоҷикон бо онҳо ҳамкорӣ кардааст. Барои Н. И. Веселовский асари таърихии Абутоҳирхоҷа «Сармария»-ро китобат кардааст, ки тарҷумаи русии он с. 1899 ба табъ расид. Ғайр аз ин барои В. В. Бартолд бисёр дастнависҳои шарқӣ, аз ҷумла нусхаҳои асари таърихии Мирхонд «Равзат-ус-сафо»-ро гирд овардааст. Барои Музейи маданияти Осиё (Москва) васиқаҳо, ҳуҷҷатҳои давлатӣ, вақфномаҳо ва ғ-ро ҷамъ намудааст. Ба В. Л. Вяткин дар кори муайян намудани ҷойи Расадхонаи Улуғбек ёрӣ расонда, с-ҳои 1908 – 09 дар ҳафриёти он иштирок кардааст. *А. Валиев.*

АБУСАЙД МАҲЗӮМ (нимаи дуввуми а. 19 – авв. а. 20), кишваршиноси Самарқанд, хаттот ва донандаи дастхатҳои Шарқ. Яке аз ёрдамчиёни ихтиёрии В. Л. Вяткин. Ӯ дар ҷамъоварии ривоятҳои халқӣ оид ба расадхонаи Улуғбек бо В. Л. Вяткин ҳамкорӣ кардааст. Маълумотро оид ба ҳамин расадхона аз дастхатҳои шарқӣ ва ёфта рӯнавис намудааст. Барои муайян кардани ҷои расадхонаи Улуғбек ва инчунин ҳафриёти он саҳми арзандае гузоштааст.

АБУСАЙД МИРЗО (1428 – 1469), охирин ҳокими хонадони темурӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон (1451 – 69), набераи Мироншоҳ, абераи Темур. Овони ҷавониаш дар дарбори Улуғбек гузашт. Ба муқобили Улуғбек ва писаронаш барои тахт мубориза бурда, с. 1451 Самарқандро ишғол кард. А. М. с. 1457 баъди вафоти Абулқосими Бобур Ҳиротро ишғол кард. Дар ибт. с.-ҳои 60 Мовароуннаҳру Хуросонро муттаҳид намуд. Солҳои ҳукмронии А. М. асосан аз мубориза ба муқобили шоҳзодагони темурӣ дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм иборат буданд. А. М. с. 1468 ба Эрони Ғарбӣ, ки аз тасарруфи Темуриён баромада буд, лашкар кашид ва с. 1469 дар муҳориба бо Мирзо Ҷаҳоншоҳи Оққуюнлу ҳалок гардид. Писараш Султон Аҳмад Мирзо соҳиби тахти падар шуд, вале Султон Аҳмад Мирзо ҳокими мутлақи хонадони темуриҳо ба ҳисоб намерафт ва бо унвони султон танҳо дар Мовароуннаҳр ҳукмронӣ кардааст (1469 – 94). Дар аҳди А. М. дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳунармандӣ, савдо ва бо мамлакатҳои ҳамсоя равобити тиҷоратӣ, сиёсӣ ва маданӣ ривоҷ ёфт. *А. Мухторов, Ҳ. Камол.*

АБУСАЙД МУҲАММА́ДИ ХУҶАНДӢ Абӯсаид Муҳаммад ибни Абубакр ибни Собит ибни Ҳасан ибни Алии Хуҷандӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1137), шоир, адиб, фақеҳи форс-тоҷик. Писари Абубакр Муҳаммади Хуҷандӣ. Ба монанди дигар намояндагони Оли Хуҷанд саводи ибтидоиро дар назди падар баровардааст. Баъдтар таҳсилро дар мадрасаи Низомияи Исфаҳон идома дод. Бад аз хатми таҳсил ба вазъ гуфтан машғул шуд Дар ваъзҳояш мазҳаби шофеияро тарғиб мекард. Ҳангоми ваъзгӯяш кушта шуд.

Ад.: Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.

АБУСАЙДИ АБУЛХАЙР Фазлуллоҳ ибни Абулхайри Маҳнаӣ (967, Маҳнаи Хуросон – 1049, ҳамон ҷо), мутафаккир ва яке аз шайхони бонуфузи тасаввуф. Назди падараш, ки соҳибмаълумот будааст, хату савод бароварда дар мадрасаҳои Хева таҳсилро идома додааст. А. А. аз мутасаввифони пайрави мактаби сукр будааст ва дар ривоҷу равнақи тасаввуфи Хуросон хизмати арзишманд анҷом додааст. Дар ташаккули таълимоти рӯҳонии А. А. дар баробари дигар шайхони замонаш нақши муршидони ҳамондавраи Хуросон шайх Абулфазли Сарахсӣ, Аблқосим Башри Ёсин ва Абулаббоси Қассоб хеле бузург аст. Ӯ ғолибан ба ақидаҳои ахлоқии тасаввуф таваҷҷӯҳ намуда ин равияи тасаввуфро бештар ривоҷ додааст. Асари асосии А. А. «Асрор - ут-тавҳид фӣ мақомот- иш- шайх Абусаид» мебошад, ки набераш Нуриддин Муҳаммад ибни Мунаввар тартиб додааст ва он ягона манбаи омӯзиши осор ва афкори ӯ мебошад. Ба андешаи А. А. камоли маънавии инсон ба воситаи даст кашидан аз худбинӣ ва таҳаммул аз хурофотпарастӣ муяссар мешавад. Худпарастӣ ва худбинӣ садду ҳиҷобӣ асосӣ дар роҳи маърифати ҳақиқӣ мебошанд. А. А. гуфтааст: «Ҳиҷоб замину осмон нест, аршу курсӣ нест, пиндошт ва «манӣ»-и ту ҳиҷоб аст. Чун аз миён баргирӣ, ба худованд расидӣ». Ба ақидаи ӯ як моҳияти ҳақиқӣ (Худо) вуҷуд дорад. Мақсади асосии инсон ба тавассути касби камол ба асли худ расидан аст. Худшиносии ориф барои камоли маънавӣ сабаб мегардад ва инсон мабдаъ ва моҳияти худро дарк карда, барои ба асли хеш расидан кӯшиш менамояд. Дар ин роҳ дину мазҳабҳо ва куфру имон нақши муҳим надоранд, зеро ягонагии ҳақиқати азалиро бо мазҳабҳои мухталиф наметавон ба даст овард. Танҳо аз «худ» берун шудан, яъне камоли ахлоқӣ ҳосил кардан ба сарманзили мақсад хоҳад бурд:

Дар роҳи ягонагӣ на куфр асту на дин,
Як гом зи худ бурун неҳу роҳ бубин.

А. А. чандин марҳалаҳои сулукро барои орифон зикр кардааст. Вале ин марҳалаҳо дар «Асрор-ул-тавҳид…» пайдарҳаму муназзам намебошанд. Бино ба маълумоти манбаву маъхазҳои адабӣ ӯ шахси донишманди соҳаи адаб ва дар ҷодаи шеъру шоирӣ тавоно будааст. Дар ривоҷу равнақи жанри адабии рубоӣ хидмати бешоиба кардааст. Ӯ дар рубоиёти худ дар баробари фикру андешаҳои фалсафӣ – тасаввуфӣ, дӯстӣ, сидқу вафо, васфи ишқи пок, некию накӯкорӣ, поквичдонӣ, ахлоқи ҳамида, адлу инсоф, илмандӯзӣ ва диг. хислатҳои хуби инсониро васфу тарғиб намуда, аъёну ашрофи мардумозору беинсофро мазаммат кардааст. Ашъори А. А. содаву салис буда, ба эҷодиёти шифоҳии халқ хеле наздик аст. А. А. бо Ибни Сино мукотиба доштааст. Афкору андешаҳои А. А. ба осори мутафаккирон Абдулмаҷди Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолиддини Румӣ таъсири бузург гузоштааст ва онҳо ӯро ба некӣ ёд кардаанд.

Ад.: Муҳаммад Мунаввар. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақолот»-иш-шайх Абусаид, Т., 1953; Муҳаммадҳоҷаев А. Мировоззрение Фаридиддина Аттора. Д., 1974; К. Олимов. Харасанский суфизм, Душанбе, 1993. К. Олимов. Баррасиҳо дар тасаввуф, Душанбе, 1998; Олимов К. Абусаид Абулхайр ва мақоми ӯ дар афкори иҷтимоӣ ва ирфонии халқи тоҷик. Маҷ. Ахбори АИҶТ, Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. 2008, №1.

К. Олимов, А. Муҳаммадхоҷаев.

АБУСАЙДИ ГУРГОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нагардидааст. Аз ашъори боқимондааш бармеояд, ки ӯ дар онҳо андешаву матлабҳои иҷтимоӣ-

сиёсӣ, танқиди зулму золимӣ, мубориза ба муқобили бемаърифативу мардумозории баъзе аъёну ашроф инъикос ёфтаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ дар эҷоди навъҳои шеър – маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, қитъаҳо ва ғ. маҳорати хос доштааст. Намунаҳои ашъораш дар тазкираву баёзҳо оварда шудаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Он қавм, ки эшон раҳи аҳрор супурданд,
Аҳволи ҷаҳон ботилу бозича шумурданд.
Меҳнатзадагонро ба карам даст гирифтанд,
Чун даст гирифтанд, бар он пой фишурданд.
Эшон ҳама рафтанду ҷаҳон чумла ба муште
З-ин нокасу номардуму номард супурданд...
Қавме ҳама нокисаву навкиса, ки аз бухл,
Номи карам аз номаи ҳастӣ бисутурданд…

Ҳ. Қаландаров.

АБУСАЙ́ДИ САНҶАРӢ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалил (с. тав. номаълум – ваф. 1036), ҳайатшинос ва риёзидони а. 10. Бо Аҳмад ибни Саффорӣ ва Иззуддавлаи Дайламӣ ҳамзамон буда, бо онҳо робитаи илмӣ доштааст. Аз осори боқии ӯ «Ҷомеи Шоҳӣ», «Таҳсил-ул-қавонин» («Тартиб додани қонунҳо»), «Зоиҷот-ул-кавокиб» («Зиҷи ситораҳо»), «Таҳсил-ул-қавонин-ил-ҳандаса ал-маҳдуда» («Ба вуҷуд овардани қонунҳои муайяни геометрӣ»), «Китоб фӣ масоҳат-ил-кура» («Китоб дар бораи масоҳати кура») маълуманд.

АБУСАЙ́ДИ СИҶЗӢ ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалил (тақр. 951–1024), муҳандис ва ҳайатшиноси Сиҷистонӣ. Асарҳои А. С. бештар ба шаклсозиҳои геометрӣ, буришҳои махрутӣ (конусӣ), вобастагии гипербола ба асимптотаҳояш, трисексияи кунҷ, масъалаҳои нуҷум ва ба сохти афзори мунаҷҷимӣ бахшида шудаанд. Қариб 30 рисолаи А. С. то даврои мо расидааст, ки дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон маҳфузанд. «Рисолаи фӣ васф-ул-кутуъ-ил-махрутия» («Рисола дар васфи буришҳои конусӣ»), «Китоб-ут-таркиб ил-афлок» («Китоб роҷеъ ба таркиби фалакҳо»), «Китоб-ул-мизоҷот-ил-кавокиб» («Китоб дар бораи мизоҷи ситораҳо») аз ҷумлаи онҳоанд. Асарҳои А. С. дар инкишофи риёзиёти Шарқ роли муҳим бозида, ба пешрафти математикаю астрономияи Европа таъсир расондаанд.

АБУСАЙДХО́Н (с. тав. номаълум – ваф. 1533), хони Бухоро (1531 – 33). Аз сулолаи Шайбониён, фарзанди Кӯчкунҷухон. Ҳангоми хони Бухоро буданаш байни аҳли дарбор барои соҳиб шудан ба тахту тоҷ низоъҳои бисёре рух дода буданд. А. олими машҳури соҳаи тасаввуф ва мурид вазираш Офоқхоҷа буд.

АБУСАЛИ́КИ ГУРГОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз аввалин шоирони форс-тоҷик (а. 9). Бино ба маълумоти «Таърихи Систон», ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ дар даврои салтанати Саффориён ҷараён ёфтааст. Аз ашъори А. Г. ҳамагӣ 10 байт дастрас гардидааст, ки мавзӯашон васфи ёр, панду насиҳат ва мадҳ мебошад.

Дар ин замона бути нест аз ту некӯтар,
На бар ту бар шамане аз раҳӣ-т мушфиқтар.
***
Дар ҷанби улувви ҳиммати чарх
Монандаи вушм пеши чарх аст.
***
Хуни худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор.
Бут парастидан беҳ аз мардумпараст,
Панд гиру кор банду гӯш дор.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007.

У. Тоиров.

АБУСАРРО́ҚА Абдурраҳмон ибни Аҳмади Балхӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Дар тазкираҳо аз ин шахс чун шоири доираи адабии Ғазнин ёд мешавад. Касби асосиаш шоирӣ набудааст. Вай бо дуредгарӣ (наҷҷорӣ) рӯз мегузаронид. Ашъори нафису дилангез, равону сода ва ба оҳанги мусиқӣ созгор (суруд) доштааст. Дар қасидасароӣ моҳир будааст. Девон доштанаш маълум нест. Намунаҳои ашъораш дар тазкираҳо омадаанд (мас. «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ).

Ад.: Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI, Д., 1979.

А. Абдуллоев.

АБУСА́ҲЛИ МАСЕҲӢ, Абусаҳл Исо ибни Яҳёи Масеҳии Ҷурҷонӣ (ваф. тақр. 1011), табиби муосири Абуалӣ ибни Сино. Аввал дар дарбори оли Маъмун дар Хоразм зиндагӣ ва фаъолият дошт. А. М. устод ва дӯсти наздики Ибни Сино буда, дар Хоразм ҳамроҳ кор кардаанд. Ҳарду узви маҷлиси уламои Абулаббоси Маъмун буданд. Баъди истилои Хоразм аз ҷониби Султонмаҳмуди Ғазнавӣ ба аъзои «Академияи Маъмун» амр шуд, ки ба пойтахт – Ғазна гузаранд. Аммо А. М. ва Ибни Сино ин пешниҳодро рад карда, с. 1012 пинҳонӣ Хоразмро тарк намуданд. Онҳо аз тариқи биёбони Қароқум роҳи Эронро пеш гирифтанд. Душвории роҳ ба саломатии А. М. таъсири бад расонд ва ӯ дар он биёбон вафот кард. Мазҳабуддин Абдурраҳим ибни Алӣ гуфта, ки «… дар миёни мутақаддимон ва муттаахирин атиббои насоро надидаам аҳадеро, ки дар фасоҳати калому ҷавдати баён монанди Абусаҳл бошад». Бино ба гуфтаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ соли вафоти А. М. бо соли Хоразмро забт кардани Султонмаҳмуди Ғазнавӣ марбут будааст. Китоби машҳури А. М. «Ал-миа фӣ-с-синоати-т-тиббия» аст. Он бо услуби энсиклопедӣ навишта шуда, аз се қисмат иборат мебошад. Қисмати якум ба беҳдошти ғизо ва тасвири хосияти давоҳо, қисмати дуюм ба масоили умумии тиб ва қисмати сеюм ба масъалаҳои табобат бахшида шудааст. Чанд рисолаи дигаре низ аз ӯ дар даст ҳаст. А. М. дар ҳандаса, нуҷум ва ҳикмат ҳам таълифот доштааст.


Ад.: Муҳаммад Муин, Фарҳанги форсӣ, ҷ. 5, Т., 1379 ҳ. ш.

С. Шаҳобуддинов.

АБУСА́ҲЛИ САЪЛУКӢ Муҳаммад ибни Сулаймон (906, Исфаҳон – 969, Нишопур), шоир ва донишманди форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш таҳсил намуда ба камол расидааст. Сипас барои давом додани таҳсил ба Басра рафта, солҳои зиёде он ҷо зиндагӣ кардааст. Ба зодгоҳаш баргашт. Бо даъвати аҳли илму адаби Нишопур ба ин шаҳр кӯчид ва ба тадрис машғул шуд. Ӯ чун донишманди соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла фиқҳ, ҳадис, сарфу наҳв, балоғату китобат ва ғ. машҳур гардида буд. Муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ӯро бо унвони «Ақза-л-қузоти Хуросон» ёд кардаанд. Асареро бо номи «Шамс-ул-маолӣ» ба ӯ нисбат додаанд. Аз осори манзумаш то ҳол чизе дастрас нагардидааст.

Ад.: Деххудо, Луғатнома, ҷ. 1, Т., 1325 ҳ. ш.

АБУСИМБА́Л, сахра дар соҳили ғарбии д. Нил, ки дар он дар даврои ҳукмронии Рамзеси II (1388 – 1322 то м.) ду ибодатхонаи машҳури Мисри Қадим тарошида шудааст. Ибодатхонаи калон ба шарафи худи шоҳ Рамзеси II, ибодатхонаи хурд ба шарафи зани якуми ӯ – малика Нофретари бино ёфтааст. Дар А. ҳайкалҳо ва мусаввараҳо мавҷуданд. Дар ду тарафи даромадгоҳи ибодатхонаи калон чор ҳайкали бузурги Рамзеси II дар ҳолати нишаста дар сахра (баландиашон тақр. 20 м) тарошида шудааст. Дар ин маъбад инчунин симои худовандии шоҳ Рамзеси II дар ҳолати таъзимкунӣ ба худ пушт ба девор тасвир ёфтааст, ки дар иҳотаи шоҳони дигар боҳашамтар менамояд. Дар пеши маъбади хурд 6 ҳайкали бо усули горелйеф тарошида истодаанд, ки дар ҳар тарафи онҳо ду симои шоҳ ва як симои малика тасвир ёфтаанд. Дар андоми ҳайкали дуюм (дар қисми ҷанубии маъбад) навиштаҷоте мавҷуд аст. Онро ҷанговарони зархариди ионӣ, ки дар даврои ҳукмр. Псамметихи I (664 –



Ибодатгоҳи Абусимбал дар Нубияи Миср.

610 то м.) вақти ақибнишӣ аз Элефантина ба Эфиопия кандакорӣ кардаанд. Дар навиштаҷоли иэроглифӣ ин сахраи регии баландиаш 100м «кӯҳи муқаддас» номида шудааст. Аз сабаби он ки дар ин сахра иншооти истеҳкомӣ сохта шудаанд, онро дар иэроглифҳо «қалъаи Рамзес» номидаанд. Номи ҳозираи А. аз номи сахрае гирифта шудааст, ки дар он ҷо дарё маҷрояшро дигар мекунад. Дар ин сахра нақши барҷаста (барелйефӣ)-и марди мисрии пешдоманаш нӯгтез кандакорӣ шудааст, ки ба назари маллоҳони араб ба хӯша монанд менамудааст. Бинобар ин он тасвирро А. номидаанд. Баъдтар тамоми сахраҳо ва маъбадҳои дар онҳо биноёфта А. ном гирифтаанд. Дар натиҷаи сохтмони дарғоти Асвон хавфи зери об мондани А. пеш омад. Аз ин сабаб А. с.-ҳои 1963 – 67 ба ҷойи бехавф кӯчонда шуд. Ҳоло он 65 м баланд-тар ва 200 м дуртар аз дарё, 280 км ҷанубтари Асвон ҷойгир аст.

Н. Шарипов.

АБУСУЛАЙМОНИ МАНТИҚӢ Муҳаммад ибни Тоҳир Ибни Баҳроми Сиҷистонӣ (912, Систон – 985, Бағдод), олим, мантиқшинос ва файласуфи а. 10. Роҷеъ ба аҳволу осори ӯ шогирдонаш, аз ҷумла Абуҳайёни Тавҳидӣ ва *Ибни Надим* иттилоъ додаанд. Дар «*Ал-Феҳрист*» Ибни Надим дар ду маврид аз А. М. ёд кардааст, вале таълимоти ӯ тавассути Абӯҳайёни Тавҳидӣ то ба рӯзгори мо омада расидааст. А. М. дар овони ҷавонӣ ба омӯзиши илми фиқҳ машғул буд. Муҳимтарин асари А. М. «Сивон-ул-ҳикмат» мебошад, ки манбаи мӯътабари арабӣ дар бораи олимон, файласуфон, табибон ва дигар шахсиятҳои барҷастаи Юнони бостон ва донишмандону мутафаккирони машҳури давраи исломӣ то а. 10 мебошад. Асли ин китоб аз байн рафта ва он чӣ то ба рӯзгори мо расида, мунтахабе аз он мебошад, ки мураттиб ба он матолибе аз худ афзудааст. Аз он 4 дастнавис дар китобхонаҳои Туркия ва Британияи Кабир маҳфузанд. Осори дигари А. М. «Мақола фи камол-ил-хос би навъи инсон», «Мақолот фи маротиби қувво-ул-инсон…», «Калом фи-л-мантиқ», «Рисола фи сиёсат», «Мақолот фи табиат-ил-аҷром-ил-улвия» ва ғ. мебошанд. А. М. яке аз дурахшонтарин донишмандони аҳди аввали ислом буд. Дар фалсафа А. М. равиши махсус дошт. Зимни баррасии матолиби ақлу ваҳй А. М. фикрҳои ҷолиберо баён намуда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки динро бояд аз фалсафа ҷудо кард, зеро ақл чизе мебошад, ки ҳар кас ба андозаи тавоноии худ аз он баҳра меҷӯяд, аммо ваҳй нури ҳамаро фарогир аст. Аз ин рӯ, пайғамбар фаротар аз файласуф ва охирӣ фурӯтар аз паёмбар дар мартаба қарор доранд. Дар ин маврид файласуф бояд аз паёмбар пайравӣ кунад, зеро агар ақл кофӣ мебуд, ваҳйро суде набуд. Бардошти инсон аз ақл низ якнавохт нахоҳад буд. Аз тарафи дигар, А. М. фалсафа ва арзиши онро рад намекунад ва миёни дину фалсафа чунин фарқ мегузорад: фалсафа ҳақ аст, аммо бо шариат сару кор надорад, шариат низ ҳақ аст, вале ба фалсафа эътиное надорад. Пас аз овардани дигар вижагиҳои дину фалсафа А. М. ба чунин натиҷа мерасад: афроде, ки ба фалсафа машғул мешаванд, бояд назари худро аз динашон бигиранд ва ашхосе, ки ба дин шуғл меварзанд, бояд аз фалсафа суд ҷӯянд ва он чи аз шариат дар ақлу раъй дур менамояд, эътироз накунанд. А. М. мутакаллимонро мавриди интиқод қарор медиҳад ва ошкоро баён месозад, ки онҳо барои дифои худ ва мавриди ҳамла қарор додани мухолифонаш даст ба лафзу ибҳомҳои беҳосилу бепоя мезананд ва гумон мекунанд, ки таълимоти динро аз ин тариқу равиши ситезгароёнаи худ ғанӣ мегардонанд. Назари А. М. дар бораи худо аз он иборат аст, ки он «мавҷуд» аст ба маънии лафзии ин калима, зеро «мавҷуд» дар маънии луғавӣ (истилоҳӣ)-и он тақозои мартабаи «воҷид» мекунад, ки бояд болотар аз рутбаи «вуҷуд» бошад. Ақл дар идроки худо ва иҳотаи ӯ нотавон аст ва инсон бояд танҳо ба аниият (ҳастӣ) ва ҳуввияти ӯ муътақид бошад. Ба фикри А. М., ваҳдонияти худо ташбеҳро қабул надорад ва касе, ки бо ақли солиму некӯи худ ва бо ихлоси тамом ишора ба зоти худо кунад, тавҳиди илоҳиро ба андозаи тавоноии худ дарк кардааст.

Ад.: Абусулаймони Сиҷистонӣ. «Сивон-ул-ҳикма», бо кӯшиши Абдураҳмон Бадавӣ, Т., 1973; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1372.

М. Ҳазратқулов.

АБУСУЎДИ КУРДӢ ибни Муҳаммади Инодӣ (1488 – 1575, Истанбул), шоир ва донишманди форс-тоҷик. Маълумоти ибтидоиро аз падараш дар Инодияи Курдистон гирифт. Сипас барои идомаи таҳсил ба Истанбул рафт. Соли 1539 ба мансаби қозии аскар ва с. 1547 ба мансаби шайхулисломӣ расид. А. К. дар баробари иҷрои корҳои давлатӣ оид ба илми фиқҳ, тафсир, риёзиёту илоҳиёт ва адабиёт рисолаҳои илмӣ иншо кардааст. Ба забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ шеър мегуфт. Асарҳояш дар Мисру Туркия ба табъ расидаанд. Яке аз кӯчаҳои Истанбул ба номи А. К. гузошта шудааст.

Ад.: Деххудо, Луғатнома, ҷ. 1, Т., 1325 ҳ. ш.

АБУТАЙИБИ МУСЪАБӢ Муҳаммад ибни Ҳотам (с. тав. номаълум – ваф. 938), шоири форс-тоҷик. Абутайиб куния ва Мусъабӣ тахаллусаш мебошад. Аз ишораҳову тавсифҳои сарчашмаҳои адабӣ (мас., «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ) бармеояд, ки шахси донишманд, соҳибмаърифат ва сиёсатмадор будааст. Аз шеъри дар васфи Рӯдакӣ сурудааш маълум мешавад, ки бо ин шоир дӯстӣ ва рафоқат доштааст. Бо шахсияти дигари бонуфузи дарбори

Сомониён – Балъамӣ низ дӯст буд. Ҳамроҳи вай корҳои вазорат ва рисолати амир Насри II-ро ичро мекардааст. Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» меорад, ки А. М. маъзул шудани Балъамӣ (907) ва ба ҷойи ӯ омадани вазир Абуалии Ҷайҳониро намехост. Боре ба фармони амир мухолифат кард ва ба қатл расид. А. М. шоири қасидасаро буд. Ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ шеър мегуфт. Ашъори арабиаш дар «Ятимат-уд-даҳр»-и Саолибӣ оварда шудаанд. Байти зерин намунае аз шеъри ӯст:

Ҷаҳоно, ҳамоно фусунию бодӣ,
Ки бар кас напоию бо кас насозӣ.

А. Абдуллоев.

АБУТАЙӢБИ САРАХСӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Аз шоирони давраи Сомониён. Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нест. Дар тазкираҳо (мас., «Маҷмаъул-фусаҳо»-и Ҳидоят) намунаҳои ашъораш омадаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Эй подшоҳи рӯи замин, давр аз они туст,
Андешаи тақаллуби даврон куну замон.
Бехе нишон, ки давлати боқи-т бар диҳад,
К-ин боғи умр, гоҳ баҳор асту гоҳ хазон.
Чун ком ҷовидон мутасаввир намешавад,
Хуррам касе, ки зинда кунад ном ҷовидон.

Ад.: Донишномаи Рӯдакӣ, ч. 1, Д., 2008.

Ш. Муҳаммадиев.

АБУТАЙӢБИ ТОҲӢР, (861, Марв –913, Бухоро), мусиқишиноси форсу тоҷик. Аз донишмандони илми мусиқии аҳди Сомониён. Асосҳои амалӣ ва назариявии мусиқиро назди Абулаббоси Сарахсӣ (ваф. 899), Аҳмади Сарахсӣ (ваф. 901), Абулаббоси Бахтиёр (ваф. 920) омӯхтааст. Дар омӯзишу тарғиби осори хаттии паҳлавӣ, шарҳу тафсири асарҳои донишмандони Юнони Қадим – Арасту, Афлотун, Никомах, Батлимус ва Уқлидус саҳми босазо гузоштааст. Асарҳои чанде аз ин мусиқидононро ба арабӣ тарҷума карда, ба онҳо шарҳу эзоҳ навиштааст. А. Т. оид ба мусиқӣ асарҳои мукаммали назариявӣ, аз ҷумла «Китоб-ул-одоб-ил-ғиноъ» ва «Китоб фӣ-н-нағам» навиштааст. Ӯ дар ин асарҳояш мусиқиро чун илм ва санъат тафсир дода, оид бо созҳои мусиқӣ, ҷанбаҳои гуногуни созу овоз, комёбию норасоиҳои афкори мусиқишиносони Юнони Қадим нуқтаи назари худро баён намудааст. Бино ба гуфти Ибни Надим («Ал-Феҳрист») ва Ибни Усайбия («Уюн-ул-анбаъ») тарҷумаи «Қонунҳои мусиқӣ»-и Афлотун аз ҷониби А. Т. аз ҷумлаи беҳтарин тарҷума ва тафсирҳо будааст. А. Т. дар асарҳояш ба анъанаҳои таърихии афкори мусиқии мардуми эронинажод диққати махсус дода, мусиқии аҳди Сосониёнро аз саҳифаҳои бой ва рангини созу овоз шуморидааст. Хусусан дар асараш «Китоб фӣ-н-нағам» («Китоб оид ба сурудҳо») баробари тафсири таркиботи суруд, таронаҳои қадимии тоисломӣ ва замонаш, инчунин роҷеъ ба силсилаи «Хусравониёт», «Форсиёт», шаклҳои маъмули сарояндагии аҳди Сосониён «чома» («чакомак»), «транак» («тарона»), «патвожа», «паҳлавиёт» маълумоти мукаммал дода, онро ба ҳаёти мусиқии а-ҳои 9 – 10 пайвастааст. Офаридаҳои А. Т. ҳамчун сарчашмаи мӯътамади мусиқӣ эътироф шуда, дар ҳалли бисёр масъалаҳои созу овоз чун дастур кӯмак намудаанд. Аз ҷумла Абунасри Форобӣ дар «Китоб-ул-мусиқӣ-алкабир» аз онҳо баҳра бардоштааст.

Ад.: Р а ҷ а б о в А., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008.

А. Раҷабов.

АБУТАММӮМ ҲАБӢБ (796, деҳаи Ҷосими назди Димишқ – 843, Мавсил), шоири араб. Аз насрониён буд, вале ба дини ислом гаравид ва худро ба қабилаи Тай нисбат медод. Ба кишварҳои гуногуни араб – Шом, Миср, Ироқ сафар кардааст. Муддате дар хидмати дарбори халифа Муътасим буд. Аз А. Ҳ. девони ашъор иборат аз қасидаҳо, марсияҳо, ҳаҷвияҳо боқӣ мондааст. Инчунин А. Ҳ. чун гирдоварандаи намунаҳои ашъори шоирони пешазисломӣ ва исломии то замони Аббосиён маъруф аст. Осори гидовардаашро дар 7 тазкира ҷой додааст. Аз он ҷумла «Китоб-ул-ҳамоса» ва «Ихтиёр-уш-шуаро ал-фуҳул» – мунтахаби қасоиди шоирони давраи пешазисломӣ ва исломист, ки то замони мо расидааст.

АБУТОҲӢРИ ТАРТУСӢ Муҳаммад ибни Ҳусайн (с. тав. ва ваф. номаълум), достонсарои форс-тоҷик (а. 11). Дар баъзе сарчашмаҳо бо номи Тарсусӣ низ зикр шудааст. А. Т. дар сарчашмаҳо муаллифи достонҳои «Абумуслимнома», «Қаҳрамоннома», «Искандарнома», «Қирони Ҳабашӣ», «Мусайибнома», «Қиссаи Ҷамшед», «Ҳушангнома», «Доробнома», «Айёрнома» ёд шудааст. А. Т. достонҳояшро забонӣ гуфтааст, сипас онҳоро касони дигар ба шакли китоб даровардаанд. Бо вуҷуди он ки матни асарҳо навишта мешуданд, достонсароёни дигар онҳоро ҳамчунон забонӣ ҳикоят мекарданд. Аз рӯи матн ошкор кардани пайдоиши он асарҳо душвор аст. Дар ин сурат барои таъйини рӯзгори достонсаро маълумоти бавосита аҳамият пайдо мекунанд. Аз рӯи пешгуфтори достони туркии «Айёрнома» онро А. Т. дар ҳузури Султон Маҳмуди Ғазнавӣ гуфтааст. Қиссаҳои боқимондаи А. Т. гувоҳи истеъдоди баланди достонсароии ӯянд. Ӯ ба достонсароёни пасина таъсири бузург гузоштааст. Онҳо аз сужетсозиву саҳнаороиву тасвирҳои ӯ, саргузаштҳои рангини айёрони ӯ фаровон истифода кардаанд.

Ос.: Достони Бӯрондухт ва Искандар, Д., 1991; Абумуслимнома, Д., 1994.

Ад.: Ч и л л а е в К., Народный роман «Абу Муслим-наме», Д., 1985.

Қ. Чиллаев.

АБУТОҲИРҲОҶӢ Мир Абутоҳир ибни Абусаиди Садри Самарқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих, шоир ва табиби а. 19-и тоҷик. Аз А. асарҳои «Самария» «Ахлоқи Музаффарӣ» боқӣ мондаанд. Муҳимтарин асари таърихии А. китоби «Самария» аст, ки с.-ҳои 30 а. 19 таълиф шудааст. Китоб аз муқаддима ва 11 боб иборат буда, воқеаҳои таърихии Самарқанд ва навоҳии атрофи он аз даврaҳои қадим то замони зиндагии муаллифро дар бар гирифтааст. Дар бораи табиати шаҳр, фаслҳои сол, олами набототу ҳайвонот, кӯҳҳову дарёҳову чашмасорон, ёдгориҳои меъморӣ маълумоти пуразриш медиҳад. Китоби «Ахлоқи Музаффарӣ» аз васфи пайғамбар (с), чаҳонбинию ахлоқи мусалмонон ва атвору одоби амир *Музаффар* иборат мебошад.

АБУУБАЙДӢ Маъмар ибни Мусанно (728 – 825), филолог (суханшинос), адабиётшиноси арабизабони форс-тоҷик. Аз донишмандони забону адабиёти арабӣ. Дар ин бобат рисолаҳо доштааст, ки яке аз онҳо «Нақоизи Ҷарир ва Фараздақ» мебошад. Дар таърих ва насаби қабилаҳои араб, Қуръон ва ҳадис низ асарҳо навишта будааст, ки аксар аз байн рафтаанд. Дар маъхазҳои адабӣ 200 асари мансуб ба А. номбар шудаанд. Номи асарҳо, иқтибос аз онҳо дар китобҳои адабиётшиносони араб Ибни Қутайба, «Китоб-ул-ағонӣ»-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Ибни Абурабиҳӣ (860 – 940), Ибни Асир (1160 – 1234) ва диг. вомехӯранд. Аз ин сарчашмаҳо бармеояд, ки А. бо аксар шоирон, нависандагон ва адабиётшиносони он давра шинос будааст ва дар бораи эҷодиёташон назари худро иброз доштааст. А. дар бораи 7 нафар шоире, ки муаллақот гуфта буданд, маълумот дода будааст, ки аз онҳо Абулфараҷи Исфаҳонӣ истифода кардааст. А. пайрави шуубия будааст. Дар айбу нуқси арабҳо

рисолаи «Масолиб-ул-араб» ва дар фазилатҳои эрониён китоби «Фазоил-ул-фурс»-ро нигоштааст.

Ад.: Фильштинский И. М., История арабской литературы, М., 1985. *Н. Зоҳидов.*

АБУУБА́ЙДИ ҶУЗҶОНӢ Абдулвоҳид ибни Муҳаммад (с. ва ҷои тав. номаълум – ваф. 1047, Ҳамадон), олим ва донишманди форсу тоҷик, яке аз машҳуртарин шогирдон ва мулозимони *Ибни Сино*. Соли 1012 ҳангоми мусофирати Ибни Сино аз Деҳистон ба Гургон бо ӯ ошноӣ пайдо намуд ва то охири умри устодаш ӯро ҳамроҳӣ кард. Ӯ ҳар рӯз назди Шайхурраис китоби «Ал-Маҷастӣ»-ро қироат мекард ва Ибни Сино рисолаи «Ал-Мухтасар-ул-авсат»-ро дар Гургон ба вай имло менамуд. Вақте Ибни Сино дар Исфаҳон бо дастури Алоуддавла хост, ки расади кавокиб ва зичи ҷадиде тадвин кунад, А. Ҷ. таҳияи абзору олоти ин корро ба ӯҳда гирифт ва санъатгаронро ба кор қабул кард. Бо исрори А. Ҷ. «Китоб - уш - шифо» навишта шуд. А. Ҷ. муқаддимае ба «Китоб-уш-шифо» навишт. Ӯ баъди марги устодаш бахши риёзии китоби «Китоб-ун-наҷот»-ро таҳия кард ва ба он китоб афзуд. Бахши мусиқӣ ва риёзиёти «Донишномаи»-и Ибни Сино ва тарҷимаву талхиси бахши риёзиёти осори дигари Шайхурраис низ ба қалами ӯ тааллуқ доранд. А. Ҷ. пас аз марги устодаш рӯйхати пурраи асарҳои Абӯалии Синоро тартиб дода, ӯро, ки худи Сино оғоз намуда буд, ба анҷом расонид. Ин рисола ягона манбаи эътимодбахш оид ба ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино. Аз зиндагии А. Ҷ. пас аз марги устодаш низ иттилооте дар даст нест. Таълифоти А. Ҷ. асосан ба шарҳи ҳол ва тавсифи осори Ибни Сино тааллуқ дорад. «Рисолаи саргузашт», «Шарҳи «Қасидаи айния», «Шарҳи «Ал-қонун фи-тиб», «Китоб-ул-ҳайвон», «Ҳай ибни Яқзон», «Дебоча»-и «Китоб-ун-наҷот», «Шарҳи қиссаи «Шарҳи қиссаи «Саломон ва Абсол» аз ин ҷумлаанд.

Ад.: Султонов. М., Аҳамияти рисолаи саргузашт дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино. Д., 1980; Муин Муҳаммад. Муқаддима бар илоҳиёти Донишномаи Аълой, Т., 1331; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1383.

М. Ҳазратқулов.

АБУУСМО́Н САИД ибни Мусаҷ-ҷаҳ (с. тав. номаълум – 720, Димишқ), мусиқишинос ва ҳофизи форс-тоҷик. Ӯро ҳоким Абдуллоҳ Ибни Забир ҳамроҳи ғуломон аз Ироқ оварда буд, А. С. дар баробари иштирок дар тармими Каъба суруду оҳангҳои ҳамкорони форсашро омӯхта, лаёқати хуби ҳунарварӣ пайдо кард ва баъд барои истеъдоди баланди ҳунарвариаш аз ғуломӣ озод шуда, баҳри такмили маҳорат ба Эрон мусофират намуд. Ӯ навохтани созҳои гуногуни мусиқӣ ва назарияи мусиқии Эронро ба дараҷаи аъло аз худ кард. Пас аз чанде ба Ҳиҷоз баргашта, алҳони арабиро ба сабки эронӣ тартиб дод. Бино ба маълумоти мусиқидонони замонаш А. С. дар овозхонӣ ҳанҷараи довудӣ дошта, мусиқии арабро зимни оҳангҳои эронӣ ва румӣ такмил додааст. А. С. дар Мадина аввалин мадрасаи мусиқиро бунёд кардааст, ки шогирдонаш сабки ӯро сартосари кишварҳои арабӣ ҷорӣ намудаанд. Вале пас аз чанде ин мадраса бо иғвои уламои мутаассиб барҳам хӯрдааст. Исҳоқи Мавсилӣ ба фаъолияти А. С. баҳои баланд дода, ӯро нахустин касе медонад, ки «мусиқии форсро ба Макка овардааст». Мусиқидони бузург Алӣ ибни Ҳошим А. С.-ро нахустин касе шуморидааст, ки мусиқии арабро ба сабки эрониҳо маъмул намудааст. Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар «Китоб-ул-ағонӣ» А.-ро поягузори оҳангҳои арабии баъд аз ислом донистааст. А. охирҳои умр ба Димишқ рафта, ба дарбори халифаи Умавиён роҳ ёфт. Суруду оҳангҳои таснифкардаи ӯ минбаъд байни хонандагону навозандагон маъмул будаанд. *Н. Шарипов.*

АБУФА́ЗЛ МУҲАММА́Д ибни Абдуҷалил ибни Абдумалик ибни Ҳайдари Самарқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих ва ҷуғрофидони тоҷик, а. 12 шогирди муаллифи «Китобу-л-канд фи таърихи Самарқанд»-и Умар ибни Муҳаммади Насафӣ (ваф. 1142). А. с. 1223 мухтасари ин китобро бо номи «Кандияи хурд» ба забони форсӣ тарҷума намудааст. Дастхати ин китоб зери рақами 73 дар Ганҷинаи дастнависҳои Ин-ти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ. маҳфуз аст. Дар ин асар дар бораи географияи Самарқанд ва атрофии он, тафсирҳое дар бораи зиндагии пеш аз ислом, воқеаҳои забти Самарқанд аз тарафи арабҳо, воситаҳои обёрӣ, вазъи сохтмонҳо, таърихи масҷидҳо, мазорҳо ва дигар амокини муқаддаси Самарқанд ва қисман Бухоро, дар бораи ашхоси бузург ва мадфани онҳо, суннати зиёрати маконҳои муқаддас ва амсоли онҳо маълумоти арзишманде оварда шудааст. *А. Саидов.*

АБУҲАЙЁНИ ТАВҲИДӢ Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббоси Шерозӣ (такр. 923 – такр. 1010), файласуф, фақеҳ, адиб, мутасаввиф ва наҳвии форсу тоҷик. Қисми зиёди ҳаёташ дар Бағдод гузашта, он ҷо наҳвро аз Абусаиди Сайрафӣ ва Алӣ ибни Исои Румонӣ, фиққи шофеиро аз Абуҳомиди Марвазӣ ва Абубакри Шофеӣ, фалсафаро аз *Абусулаймони Мантиқӣ* ва Яҳё ибни Адо омӯхт. Барои ақоиди зиндиқиаш аз Бағдод ронда шуд. Вале охирҳои умраш ба Бағдод баргашта, ҳаёти худро бо бечорагиву қашшоқӣ гузаронида, ба тариқи эътироз аз замона китобхонаашро оташ задааст. Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам-ул-удабо» дар бораи А. Т. зикр кардааст, ки ӯ дар ҳамаи улуми замона – наҳву луғат, шеъру адаб, фиққу калом чирадаст буд, фалсафаю ирфонро хуб медонист ва дар балоғат ҳамто надошт. Ибни Ҷавзӣ дар «*Талбиси иблис*» номи А. Т.-ро дар қатори Ибни Ровандӣ ва Абулаълои Маарриӣ ёдовар шудааст. А. Т. оид ба масъалаҳои мухталифи илми замонааш осори бисёре таълиф кардааст, ки мутаассифона қисми ночизи онҳо то замони мо расидаанд. Номгӯи мухтасари таълифоти А. Т., ки Ёқути Ҳамавӣ дар асараш зикр кардааст, чунинанд: «Ал-муҳозарот ва-л-мунозарот», «Ал-имтоъ ва-л-муонаса», «Ал-басоир ва з-захоир», «Тақриз-ул-Ҷоҳиз», «Ас-садиқ ва-с-садоқат», «Масолиб-ул-вазирайн», «Ишорат-ул-илоҳия», «*Ал-муқобасот*» ва г. Ақидаҳои фалсафии А. Т. танҳо аз тадқиқу таҳлили андешаҳои мутафаккирони пешину муосираш иборат набуда, балки ҷавоб ба саволҳои шогирдону мусоҳибонаш оид ба масъалаҳои мухталифи фалсафӣ мебошанд. Таҳлили асарҳояш нишон медиҳад, ки ӯ масъалаҳои нафс, такомули нафси инсонӣ, дарки ҳақиқат ва манфиати он, ҳаракати ҷисм дар олами кавну фасод, навъҳои гуногуни онро баррасӣ кардааст. Хизмати дигари А. Т. дар фалсафа гирд овардани ақоиди мухталифи мутафаккирони муосираш мебошад, ки дар сӯҳбату маҷлисҳо иброз доштаанд. А. Т. дар масъалаҳои мантиқу наҳв дар «Ал-басоир ва-з-захоир» ва «Ал-имтоъ ва-л-муонаса» фикрҳои ҷолиб дорад. А. Т. дар масъалаҳои фиққу калом ва ахлоқ низ фикру андешаҳои худро дорад. *И. Саидов.*

АБУҲАНИФА́ Нӯъмон ибни Собит ибни Марзбон, мулаққаб ба «Имоми аъзам» ва «Сироҷ-ул-аимма» (699, Куфа – 767, Бағдод), фақеҳ ва мутакаллими номвари аҳди аввали ислом, поягузори равияи суннӣ ва муассиси мазҳаби *ҳанафия.* Аволдаш аслан аз Балх буда, бобояш Умар ибни Ҳаммодро Зоуто ё Зутӣ меномиданд. Ин калима дар забони

авестоӣ ва санскрит хондани суруду ниёишҳои мазҳабиро ифода мекунад ва Зардушт ҳам худро дар «Готҳо»-и Авесто «зоутар» номидааст. Ӯ бо халифаи чаҳоруми рошидӣ Алӣ ибни Абитолиб ошноӣ дошта, ба ӯ баъзан дар ҷашнҳои наврӯзӣ ҳадяе тақдим мекардааст. Падари А. Собит тибқи иттилои манобеъ, дар Куфа нонвойхонае дошт, ки ризқу рӯзии хонаводаро таъмин менамуд. А. дар ҷавонӣ ба тиҷорат машғул буд ва дар дукони худ «хез» (порча, матоъ, либоси абрешимӣ) мефурӯхт. Шуғли бозаргонии ӯ равнақ дошт ва дукони ӯ ба фурӯшгоҳи нисбатан бузурге табдил ёфта, маркази бузурги амонатгузорӣ низ шуда буд, ки мардум молу маблағҳои ҳангуфтеро ба амонат мегузоштанд. Тиҷорат ягона манбаи даромади А. буд. Фоидаи аз тиҷорат бадастомадаро на фақат барои рӯзгори худ, балки барои кӯмак ба устодон, шогирдон ва дармондагону бенавоён сарф мекардааст. Таҷрибаи васли А. дар умури молӣ ба ӯ басирати муфиде дар ҳалли бисёр масоили фақеҳию ҳуқуқӣ бахшидааст. Агар ба пайгирии фаъолияти омӯзишӣ ва касби улуми замона аз дидгоҳи А. пардозем, бояд қайд кард, ки тибқи суханони худи ӯ, А. аввал ба илми қироати Қуръони карим ва таҷвиди он машғул шуда, сипас ба омӯзиши дигар улуми диниву дунявии замона, аз қабили сарфу наҳв, илми ҳадис ва шеъру адабу фалсафа шурӯъ намуд. Дар ҷараёни ин омӯзиш аз бисёр фақеҳону мутакаллимон, олимону донишмандон ва устодону аҳли фазли замона – Омири Шаъбӣ, Абуисҳоқи Шабеӣ, Ибни Абинуҷуд, Қайс ибни Мусаллам, Ибни Муртасид, Қаттода ибни Даома, Молик ибни Динор илм омӯхт. Барои омӯзиш ва такмили дониши худ такр. 20 маротиба ба Басра сафар карда, бо олимону мутакаллимони ин шаҳр ба сӯҳбат нишастааст ва ҳудуди 50 маротиба тавофи Каъба намудааст. Дар ин сафарҳояш бо олимону шайхони машҳури Ҳиҷоз, Макка ва Мадина – Робиа ибни Абуабдурраҳмон, Ато ибни Абураббоҳ, Имом Боқир, Абдурраҳмони Аъроҷ, Муҳаммади Мундакар, Ибни Шиҳоби Заҳрӣ, Амр ибни Динор, Абдулзабири Маккӣ ва диг. мулоқот намуда, роҷеъ ба масоили гуногуни улуми шаръию каломӣ ва ҳуқуқӣ ба баҳсу андеша пардохтааст. А. аввали фаъолияташро аз омӯзиши илми калом сар кард ва ба дараҷае расид, ки аҳли фазл ба ӯ ба унвони марҷаъ ва ҳуҷҷат менигаристанд. Дар натиҷаи ҳамин ҷустуҷӯ ва ҳадафи асосии омӯзиш қарор додани масоили ақидатии доғи он рӯз, ки илми калом нав давраи балоғаташро аз сар мегузаронд, А. бо истифода аз дониши андӯхта аз устодони машҳури худ ва табъу андешаи баланди илмӣ дар баҳсу муҷодалаву муноқишаҳои каломӣ ширкат намуда, назари худро дар онҳо озодона баён мекард. Ҳангоме ки Имоми Аъзам комилан вориди илми калом шуд, ба хубӣ фаҳмид, ки манфиати он барои ӯ кам аст, аз ин рӯ, А. аз илми калом сарфи назар карда, ба омӯзиши сарфу наҳву адаб ва аз худ намудани фанни шеър пардохт, вале оқибати онро ситоишу мадҳу ҳаҷв дарёфта, аз он низ даст кашид ва ба таҳқиқи ҳадис пардохт. Барои табақабандии ҳадис ва ҷамъоварии онҳо вобаста ба мавзӯъҳои табақабандишуда замони тӯлонӣ лозим буд ва чунин нуктаро низ А. дарк кард, ки агар хатое дар ин соҳа содир кунад, то рӯзи қиёмат ин гуноҳ ба гардани ӯ хоҳад буд. Пас аз тааммули бисёр илми фиқҳро афзалтар аз ҳамаи улуми фавқ арзёбӣ намуд ва ба омӯзиши он пардохт. Ба фикри ӯ, ҳар қадар ки вай ба умқи ин илм мерасид, ҳамон қадар бузургӣ ва муфидии ин илм барояш бештар маълум мегардид. Бинобар ин, ӯ бо уламо, машоих ва фақеҳону аҳли башар ҳамнишин шуда, ба омӯзиши фиқҳи исломӣ ба куллӣ дода шуд ва дар ин соҳа комёбии бузурге насибаш гардид. Омили дигаре, ки А.-ро ба фиқҳи исломӣ машғул шудан водор мекард, он буд, ки дар ҷомеаи исломӣ дар замони хулафои рошиддин ва Умавия силсилаи масоили шаръию ҳуқуқие арзи вуҷуд намуданд, ки боиси ба вуҷуд омадани ихтилофи назарҳо ва пайдоиши фирқаву ҷараёнҳои мазҳабӣ дар дохили дини ислом гардиданд. Парешониву нобасомонӣ ва ҷангу ҷидолҳои дохилӣ (ҷангҳои Ҷамал, Сиффин, муҳорибаи Наҳравон) қалямрави хилофатро фаро гирифта буд. Арзёбиву доварии чунин масъалаҳои умдаи иҷтимоию сиёсӣ ва ақидаҳои мухталифи каломӣ аз назари шаръию ҳуқуқиро А. вазифаи муқаддаси худ мешуморад. Чунин иқдом супориш ва ё дастури ҳокиме аз тарафи хилофат набуд, балки амри дили олиму фақеҳи сарсупурдае буд ва А. ба хотири такрор нашудани чунин ҳодисаҳо дар дохили хилофат ва пешгирӣ аз нобасомонию ҷудоандозӣ дар ҷомеаи исломӣ даст ба чунин кори масъулиятнок зад ва ҷомеаро ба қонунмандӣ даъват намуд.


Агар аз як тараф дарку огоҳии А. аз авзои ҷомеаи ҷаҳони исломӣ ва саъю кӯшишаш барои зиндагии одилона ва мусолиматомези мусулмонон ӯро ба ин кор водор намуда бошад, аз тарафи дигар, таъсири амиқи устодаш дар илми фақоҳат Ҳамод ибни Абисулаймон, ки 18 соли тамом дар доираи илмии ӯ дарс хонда, ҳамдаму ҳамнишини ӯ шуда буд, ҳисси ӯро дар чунин сарсупурдагӣ дар фиқҳи исломӣ бедор карда буд. Ӯ бар хилофи равишу шеваи «аҳли ҳадис» дар ҳалли масоили шаръию ҳуқуқӣ, бо он бардошти зеҳние, ки зимни омӯзиш касб намуда буд, аз дидгоҳи мактаби ироқии ақлгароёна, ки маркази он дар ш. Куфа буд, назар кард. Аҳли Куфа А.-ро ҳамчун имому пешво ва хазинаи зиндаи илму ганҷинаи фиқҳ қабул карданд. Дар посух ба ин боварӣ 30 соли тамом заҳмат кашид, то мактаби фақеҳии ақлгароёнаи ироқиро ҳамчун маркази маорифи динии хилофат ба олами ислом муаррафӣ намояд ва онро дар а. 8 ба «Дор-ул-фиқҳ»-и бузурги исломӣ табдил диҳад.

Имоми Аъзам ҳамроҳи шогирдонаш, ки машҳуртарини онҳо Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳим ибни Ҳабиби Куфӣ ва Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ мебошанд, тавонист, ки сабаби нобасомониҳои аз давраи Усмон то ба замони эшон, моҷароҳои иҷтимоию сиёсӣ ва баҳсҳои мазҳабию ақидатии бавуҷудомадаро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ арзёбӣ намоянд ва дар давоми сӣ сол пайваста ба тадрис, мутолиа, баҳсу таҳқиқ ва натиҷагарӣ дар масоили шаръию ҳуқуқӣ машғул шавад. Мадрасае, ки А. раҳбарии онро ба ӯҳда дошт, ҳамроҳи шогирдони бовафояш ба қавле ба 60 ҳаз. ва ба қавли дигар ба 83 ҳаз. масоили фиқҳӣ посух гуфт, ки ин фатвоҳо дар ҷаридаи донишномаи фиқҳи исломӣ сабт шудаанд. Имоми Аъзам тамоми умри бобаракати худро ба таҳқиқу омӯзиши масоили фиқҳӣ, каломӣ ва улуми шаръӣ сарф намуд. Ин шӯҳрати ӯ на фақат дар ҳаллу фасли масоили динӣ зоҳир мешуд, балки ӯ ҳамчун аввалин олими соҳаи маорифи исломӣ яке аз поягузорони асосии мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат гардид. Хусусиятҳои шахсии А. роҷеъ ба тақводорӣ, парҳезкорӣ, ботамкинӣ, саховатмандӣ, ҳоҷатбарорӣ, одобу рафтор ва муомилаи хуб, ҳатто тарзи либоспӯшии ӯро шогирдону маноқибнависон ва бо истинод ба онҳо, дигар муҳаққиқон дар осорашон бо ҳусни ният дарҷ намудаанд.

Ба А. вазифаҳои гуногун дар дарбори хилофат пешниҳод шудааст, аз ҷумла пешниҳоди Абуязиди Ҳубайра ба вазифаи қозигӣ ё мутасаддии «байтулмол» (хазинаи хилофат), пешниҳоди Мансури Давонақӣ ба вазифаи қозиюлқузот ва чандин пешниҳодҳои дигарро номбар намудан мумкин аст. Вале ӯ ҳамаи онҳоро рад намуда, барои чунин рафтораш зачр кашидааст ва ҳатто тозиёна дидааст. Барои напазируфтани вазифа оқибат аз дасти Мансури Аббосӣ, ки ӯро ба ҳабс андохта буд, ба тарзи номаълум ин ҷаҳонро падруд гуфт. Турбати ӯ дар Ҳучайрони Бағдод аст, ки имрӯз бо номи «Ҳай-ул-аъзамия» машҳур мебошад. То ба рӯзгори мо осори бевоситаи А. омада нарасидаанд ва бино ба қавли баъзе муҳаққиқон, шояд ҳам аслан вуҷуд надоштаанд. Вале шогирдони А. гуфтаҳо, суханрониҳо, хитобаҳо, мулоҳизаҳо ва раъю ақоиди устоди худро ҷамъоварӣ карда дар шакли китоб ба риштаи таҳрир даровардаанд. Фатвоҳои ӯ бештар ба қалами худи А. мансуб будаанд. Осори ҷамъоваришуда, ки маноқибнависони асрҳои баъдӣ низ ба онҳо ишора намудаанд, аксаран ба мавзӯъҳои каломӣ, ахлоқӣ ва динӣ бахшида шудаанд.

Муҳимтарин асари ӯ «*Фиқҳи акбар*» мебошад. Дар феҳристи осори А. китоби «ал-Васоё» мавқеи махсус дорад, зеро он масоили даврaҳои охири фаъолияти Имоми Аъзамро дар бар гирифта, шомили ҷиҳатҳои куллии мактаби ҳанафии аҳли суннат ва ҷамоат мебошад. Дар он насиҳатҳои А. ба шогирдон гирд оварда шудаанд. «Муснад»-и А. иборат аз маҷмӯи ҳодисаҳое мебошад, ки шогирдон ва пайравони баъдии ӯ мураттаб сохтаанд. Асари нисбатан хурд, вале мӯътабари Имоми Аъзам «Рисола ило Усмон ал-Баттӣ» мебошад, ки дар посух ба фақеҳ ва мутафаккири машҳури Басра Усмон ибни Сулаймон ал-Баттӣ (ваф. 860) нигошта, назари мурҷигароёнаи худро ба таври аҳсан дифоъ намудааст. «Ал-Олим ва-л-мутааллим» дорои саволу ҷавобҳои зиёде байни устодону шогирдон дар бораи таълимоти ирҷоии ҳанафия мебошад. Пайравони ин мазҳаб онро дар а. 10 ба риштаи таҳрир даровардаанд. Ду матлаби ҷолиби таваҷҷӯҳест, ки моҳиятан мавқеъ ва мавзеи Имоми Аъзамро дар ташаккули маорифи исломӣ ифода мекунанд. Масъалаи аввал аз он иборат аст, ки ӯ дар таълимоти худ аз ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ дурӣ ҷуст ва дар байни ҷараёнҳои гуногуни дорои хусусияти сиёсиву ақидатӣ мавқеи васатиро интихоб намуд. Ин амали ӯ барои муттаҳид сохтани ҷомеаи ба гурӯҳҳо тақсимшудаи исломӣ (хориҷия, мурҷиа, мӯътазила, шиа ва ғ.), меъёри амал қарор додани муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва даст кашидан аз манфиату дархостҳои гурӯҳҳои ифротӣ мусоидат кард.

Матлаби дуюме, ки ба он ишора шуд, марбут ба ҳаллу фасли масоили шаръию ҳуқуқист. Ин масъала аз он ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки А. ба усули таҳқиқу баррасии суннатӣ унсурҳои тоза ворид намуд. «Асҳоби ҳадис» танҳо ду марҷаи аслӣ – Қуръону суннатро дар умури шаръию ҳуқуқӣ истифода мебурданд, вале А. ба он қиёс, истеҳсон, урфро дохил кард ва масоили иҷмоъ ва фатворо такмил намуд. Он чи ба матлаби аввал тааллуқ дорад, А. ҳокими ростинро Худо медонад, ки Паёмбарро расули Худо бар ҳақ мешуморад. Пас шариат ин қонуни Худо ва паёмбари ӯст ва диг. қонунҳое, ки аз он бартару афзалтар бошанд, вуҷуд надоранд. Вобаста ба ҳамин масъала Имоми Аъзам таърифи куфру имон, мазмуни гуноҳони кабираю сағира, иқрору эътиқод, амри маъруф ва наҳй аз мункар, хусусиятҳои султон ва муносибати ӯ ба раият, ҳамчунин баҳси ҷойгоҳи илоҳӣ ва қадим ё ҳадис будани Қуръони каримро ҳамвора масоили ҳуқуқӣ, меросӣ, маданӣ, муносибатҳои хонаводагӣ, оилавӣ, маишӣ ва ғ. ироа намуда, назари худро нисбат ба онҳо баён кардааст. Онҳо асоси таълимоти мазҳаби суннӣ гардиданд. Ба фикри А. имон миродиф ба иқрору эътиқод аст, имон доштан, яъне «иқрор шудан ва эътиқод доштан ба Худову расул аст». Дар «ал-Васоё» ӯ ин масъаларо бо мисолҳо шарҳ дода, дар фасли аввали он навиштааст, ки «имон иқрор кардан ба забон ва тасдиқ кардан бо дил аст. Иқрори танҳо имон (ҳисоб) намешавад, зеро агар имон ҳисоб шавад, албатта ҳамаи мунофиқон мӯъмин ҳисоб мешуданд… Асли имон зиёду кам намешавад, зеро нуқсони имон бе зиёдшавии куфр тасаввур намешавад. Ва зиёдшавии имон бе камшавии куфр тасаввур намешавад (яъне як шахс ҳам кофир ва ҳам мӯъмин намешавад)». Роҷеъ ба усули фиқҳ А. ягонагии улою ақоиди муҷтаҳидону фақеҳони соҳибфатворо *иҷмоъ* меномад, ки манбаъ ва марҷаи сеюми фиқҳи исломӣ маҳсуб мешавад. Он дар замони хулафои рошиддин ба расмият даромада буд ва А. онро такмил дод. Марҷаи сеюми фиқҳи исломӣ *қиёс* аст, ки он манбаи нав воридкардаи Имоми Аъзам дар илми фақоҳат мебошад. Дигар мазҳабҳои аҳли суннат ва ҷамоат низ онро қабул намуданд. Дар усули қиёс А. танҳо ба маърифати чизе, ки аҳком ба он далолат мекунад, қонеъ нашуда, ба васфе, ки барои он муассир ва ҳукми умумӣ ба аҳком мебахшид, мавриди истифода қарор дода, аз он натиҷагирӣ мекард. Барои мисол, нӯшидани шароб дар дини ислом ҳаром аст, ки дар ин



Ҷашнгирии соли бузургдошти Имоми Аъзам. Душанбе 2009.

бора дар ду манбаи асосӣ – Қуръону суннат сухан рафтааст. Вале дар бораи нӯшидани оби ҷав (пиво) дар ин ду марҷа чизе гуфта нашудааст. А. аз рӯи қиёси ҳукми аввал хулоса мебаровард, ки чун нӯшидани шароб ва оби ҷав ба нафси инсон зарар меоваранд ва махмуркунандаанд, яъне ҳар ду дорои як хусусиятанд, нӯшидани оби ҷав низ ҳаром аст.

Истеҳсон ихтирои бузурги А. мебошад, ки онро маъмулан қиёс бар қиёс ё қиёси дугона мехонанд ва ҳадаф аз он эҳтиёту мувозибат ва ба иштибоҳ роҳ надодан дар ҳукми шаръию ҳуқуқӣ мебошад. Роҷеъ ба *фатво* қаблан иттилооти муқаддамотӣ ҳамчун манбаи илми фиқҳ ироа гардид. Яке аз аслҳои муҳиме, ки Имоми Аъзам ҳамчун манбаи фиқҳ эълон кард, *урф* буд. Одату урфи мардум бо алоқаи ақлӣ амри такроршаванда аст ва ба ҳамин сабаб онро сарфи назар намудан нашояд.

Ҳамин тариқ, А. ва пайравони мактаби ӯ, ки дар адабиёти динӣ бо номи «асҳоби раъй» маъруфанд, дар ҳаллу фасли масоили баҳсовари фақеҳӣ ҳамчун марҷаъ аз Қуръону суннат, иҷмоъ, қиёс истифода мекарданд, сипас рӯ ба истеҳсон меоварданд ва дар онҳо агар чизе пайдо накарданд, матлабро дар одати шойеъ дар байни мардум ҷустучӯ менамуданд, ки он бо истилоҳи «урф» машҳур гардид. Барои чунин муносибат «асҳоби ҳадис» А. ва шогирдони ӯро ба муносибати ақлгароёна айбдор карда буданд. Вале Имоми Аъзам интиқоди онҳоро қабул надошт ва мавқеи васатӣ ишғол намудани худро бори дигар бо суханонаш иброз дошт. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2009 – Соли бузургдошти мутакаллим ва фақеҳи намоёни аҳди аввали Ислом, муассиси мазҳаби Ҳанафия Имоми Аъзам А. дар Тоҷикистон бо тантана ҷашн гирифта шуд, ки дар ин ҳамоиш қариб аз ҳамаи мамлакатҳои дунёи Ислом намояндагони баландмартаба иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ад.: Ҳазраткулов М., Ислом ва Абуҳанифа, Д., 2009; Абулфутуҳ Муҳаммад ибни Абулкарими Шаҳристонӣ: Ал-милал ва н-ниҳал, Т., 1350; Абумансур Абдулқоҳири Бағдодӣ, Таърихи мазоҳиби ислом ё тарҷимаи «Фарқ байн-ал-фирақ», Табрез, 1333; Маделунг, Фирқаҳои исломӣ, Т., 1377; Таърихи фалсафа дар ислом, бо кӯшиши М. Шариф, ҷ. 1 Т., 1362; ҷ. 2, Т., 1365; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 8. Т., 1377; Саидризо Хусравшоҳӣ, Илали зуҳури фирақ ва мазоҳиби исломӣ, Т., 1341; Алиасғари Ҳалабӣ, Таърихи илми калом дар Эрон ва ҷаҳони ислом, Т., 1376; Мулло Алӣ ибн Султон Муҳаммад Ал-қорӣ, Шарҳ-ул-фиқҳ-ал-акбар, Д., 2008; Муҳаммад Абузаҳра, Абуҳанифа, ҳаётиҳӣ, асриҳӣ, ороиҳӣ ва фиққиҳӣ, Қоҳира, 1997.

М. Ҳазратқулов.

АБУҲАНИФА́И ДИНОВАРӢ (тақр. 820, Диновар – 895), Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуд ибни Вананди Диноварӣ, риёзидон, ҳайатшинос, набототшинос, файласуф, муаррих, адиб ва луғатшиноси маъруфи форсҷоҳик. Бештари ҳаёт ва фаъолияти А. Д. дар Диновар ва Исфаҳон гузаштааст. Дар Исфаҳон, аз мавзее, ки А. Д. мушоҳидаҳои ситорашиносиро анҷом медод, дертар Абдурраҳмони Суфӣ дидан кардааст. Рисолаҳои зерини А. Д. дар сарчашмаҳо вомехӯранд: «Китоб ал-ҷабр ва-л-муқобала» («Китоб дар ҷабру муқобала»), «Китоб ат-тахт фӣ ҳисоб-ул-ҳинд» («Китоб дар бораи тахта ва ҳисоби ҳиндӣ»), «Китоб ан-наводир-ил-ҷабр» («Китоб дар бораи нодириҳои алҷабр»), «Китоб-ул-васайа» («Китоби васият»), «Китоб-ул-ҳисоб-уд-давр» («Китоб дар бораи ҳисоби давра»), «Китоб-ул-кусуф» («Китоб дар бораи гирифти Офтоб»), «Китоб ал-азмина ва-л-амкина» («Китоб дар бораи замон ва макон»), «Китоб ун-набот» («Китоб дар бораи набототот»), «Китоб-ул-ахбор-ит-тивол» («Китоб дар бораи ахбори дароз»). «Китоб-уш-шеър ва-ш-шуаро» ва «Китоб-ул-фасоҳат» аз ҷумлаи таълифоти адабии ӯст. А. Д. дар асари бисёрҷилдаи худ «Китоб-ун-набот» миқдори зиёди ашъори шоирони арабро роҷеъ ба гиёҳҳо дохил кардааст. «Китоб-ул-ахбор-ит-тивол»-и ӯ яке аз намунаҳои барҷастаи насри классикии араб буда, то замони мо пурра расидааст. Матни онро с. 1888 олими рус В. Ф. Гиргас дар Лейден ба табъ расонида буд.

А. Комилӣ.

АБУҲА́ФС АҲМА́Д ибни Ҳафс ибни Забарқон ибни Абдуллоҳ (767, Бухоро – 932, ҳамон ҷо), фақеҳ ва донишманди машҳури тоҷик. Зуҳду тақво, дониш ва маъруфияти ӯ дар илмҳои замонаш ба андозае воло будааст, ки дар олами Ислом аз баракати ӯ Бухоро унвони ифтихории «Қуббат-ул-Ислом»-ро гирифтааст. Ҳамчунин яке аз дарвозаҳои Бухорои ҳамон давр ба муҷиби дар шафати он қарор доштани хонаи А. А. номи «Ҳамроҳ»-ро гирифта будааст, зеро мардум барои ҷустани ҳақиқат ва ҳалли масоили умдатарин назди ӯ меомадаанд (Бартолд). Муаллифи «Таърихи Бухоро» Наршахӣ аз рӯзгори А. А. ривоёти аҷиберо овардааст.

Ад.: Ҳамроҳбоев Н., Абуҳафс Аҳмад, Донишномаи Сомониён, ҷ. 1, Х., 2008.

Н. Ҳамроҳбоев.

АБУҲА́ФСИ СУҒДӢ, Абуҳафс Ҳаким ибни Аҳфас (с. тав. номаълум – 832), шоир, луғатнавис ва мусиқишиноси форс-тоҷик. Дар «Ал-Мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, рисолаи дар илми мусиқӣ нигоштаи Абунасри Форобӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ва ғ. А. С. чун нахустин шоир дар адабиёти форс-тоҷик, луғатшинос ва мусиқишинос ёд шудааст. Аз осори бадеиаш то ҳол 2 байт дастрас гардидааст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Чун надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо.

***

Бӯсу назарам ҷамол бошад бо ёр,
Ин фатво (ман) гирифтаам аз гургар.

Асари дар луғат таълифшудаи А. С. фарҳанги тафсири форсии дарӣ будааст, ки то ҳол дастраси муҳаққиқон нагардидааст. Вале дар осори луғатнигорӣ (лексикографӣ)-и баъди а. 10 ба ин асар ишораҳои зиёде мавҷуданд. Дар илм он «Фарҳанги Абуҳафс» ё «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ» ном гирифтааст. А. С. мусиқидон низ будааст. Асбоби мусиқӣ – шоҳруд аз ихтироти ӯ мебошад.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958; Афсаҳзод А., Одамушшуаро Рӯдакӣ, Д., 2003; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007; Аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3 – 5 ҳ. қ., Т., 1370 ҳ. ш.

АБУҲА́ФСИ ҲАДДО́Д Умар ибни Саламаи Нишопурӣ (с. тав. номаълум, Курдободи Нишопур – вафот 879, ҳамон ҷо), яке аз мутасаввифони бузурги Хуросон. Шуғли асосиаш оҳангарӣ будааст ва аз ин рӯ, бо лақаби «Ҳаддод» машҳур шудааст. Бино ба маълумоти «*Тазкират-ул-авлиё*» А. Ҳ. дар зӯҳду риёзат, каромат ва муруввату футувват дасти тавоно доштааст. Баъзеҳо А. Ҳ.-ро суфии зоҳид номидаанд. Дар берун аз либоси пашмина пӯшидан, ки хоси суфиён буд, ибо мекард, вале дар хона бо либос ва қабои пашмина мегашт. А. Ҳ.-ро дар адабиёти суфия дар сафи нахустин пайравони маломатӣ қарор додаанд. Дар таълимоташ бештар пойбанди шариат буд ва таъкид мекард, ки солик ҳамвора аҳволу афъоли худро бо китобу суннат бисанҷад. Баъзе аз манбаҳои тасаввуфӣ мулоқоти ӯро бо *Боязиди Бистомӣ* дар Бағдод зикр намудаанд.

Ад.: Ҳаҷвирӣ Алӣ ибни Усмон. Кашф-ул-маҳҷуб. Бо кӯшиши В. Жуковский, Т., 1979; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 5, Т., 1383.

М. Ҳазратқулов.

АБУҲОМИ́ДИ ТУРКА́, Садриддин Абуҳомид Муҳаммад Турка (с. тав. ва ваф. номаълум), донишманд ва шоири тоҷик (а. 14). Асосгузори Оли Турка – хонадони хуҷандиён, ки

дар Исфаҳон зиндагӣ ва фаъолият мекарданд. Бо сабабҳои номаълум дар синни камолот ба Исфаҳон ҳичрат кард. Бо ҳукмронону адибону донишмандон Ғозонхон, Султонмуҳаммади Харбанда ва диг. шиносоӣ ва мукотиба дошт. Мувофиқи маълумоти набераш Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад, бобояш таълифоти зиёде дар фалсафаву ирфон, аз қабили «Ҳикмат-ул-маниъа», «Ҳикмат-ур-Рашидия» (ба Рашидуддини Фазлулоҳ бахшида шуда буд), «Рисола дар вуҷуди мутлақ», «Китоб-ул-эътимод-ил-кабир» ва ғ. доштааст. Дар силки орифон дохил гардида буд ва дар ин бобоат низ китобҳову рисолаҳо доштааст. Ба замми ин таълифот, ӯ шеър низ мегуфтааст.

Ад.: Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.

АБУҲОТА́МИ СИҶИСТОНӢ Саҳл ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум – ваф. 869), арӯзшинос ва луғатшиноси эронинажоди араб. Аз таълифоти ӯ, ки мувофиқи иттилои сарчашмаҳо шумораашон ба 97 мерасидааст, танҳо асарҳое бо номи «Ал-Ҳашарот», «Халқ-ул-инсон», «Ал-Вуҳуш», «Ан-Нахла» (с. 1887 ба табъ расидааст), боқӣ мондаанд, ки асосан дар илми луғатанд. Ба қалами ӯ инчунин асари тазкирамонанди таърихие бо номи «Ал-Муаммарин» тааллуқ дорад, ки дар он аз 110 наф. шоир, ҷанговар ва сардорони қабилаҳои пешазисломии араб сухан меравад.

АБУҲОШИ́МИ КУФӢ (с. тав. номаълум – ваф. 763, Басра), яке аз шайхони тасаввуф (а. 8). Аслан аз ш. Куфа дар Сурия зиндагӣ кардааст. Бино ба маълумоти «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ А. К. аввалин касест, ки ӯро «суфӣ» хонданд ва бори аввал дар Рамлуи Сурия барои аҳли тариқат *хонақоҳ* барпо кардааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо А. К. дар зӯҳд мақоми махсус дошта, ангуштнамои суфиёни замонаш будааст. Баъзеҳо ӯро бунёдгузори мактаби тасаввуф пиндоштаанд. Муаррихи тасаввуф Суфиёни Саврӣ зимни баёни афкори ирфонӣ таъкид намудааст, ки мазмуну моҳияти тасаввуфро аз афкори А. К. фаҳмидааст. Мутаассифона, дар сарчашмаҳо ғайр аз маълумоти пароканда аз осори ӯ чизи дигаре боқӣ намондааст ва афкори ирфонии ӯ ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

АБУҶАЪФА́Р АҲМА́Д ибни Муҳаммад ибни Халаф. (тав. 906 – ваф. 963), амири *Саффориён* дар Систон (922 – 963). А. қудрати Саффориёнро дар Систон, дар давраи дуюми аморати Саффориён, дубора эҳё кард. Набераи Алӣ ибни Лайс, бародари Яъқуби Саффорӣ. Баъд аз қатли амир Аҳмади Сомонӣ (921) дар Систон давраи пуртуғён оғоз гардид. Соли 923 А. Ҷ. ҳокими Систон шуд. Ӯ сиёсати ҳамкориро пеш гирифт. Баъд аз вафоти А. Ҷ. (с. 963 бо дасти гурӯҳе аз чокарон кушта шудааст) ҷонишинони ӯ зери салтанати *Сомониён* қарор гирифтанд А. Ҷ. донишдӯсту фазилатпарвар буд. *Л. Бойматов.*

АБУҶАЪФА́Р МУҲАММА́Д (906 – 963), амири Саффориён дар Систон (ҳукмр. 923 – 963). Набераи Алӣ ибни Лайс, бародари *Яъқуби Саффорӣ,* қудрати Саффориёнро дар Систон дубора эҳё кард. Дар аҳди амир Аҳмад ибни Исмоил сарзамини Систон ба қаламрави *Сомониён* ҳамроҳ гардид. Аммо баъд аз қатли амир Аҳмади Сомонӣ (914) айёрони Систон Симҷурро, ки аз тарафи Сомониён бар ин вилоят маъмур карда буданд, маҷбур ба фирор намуданд. Дар Систон давраи носомонӣ оғоз гардид. Соли 923 А. Ҷ. ҳокими Систон шуд. Вай бо ҳукумати *Сомониён* созиш ва ҳамкорӣ кард, бахусус бо Наср ибни Аҳмад робитаи дӯстона дошт. А. Ҷ. амири донишдӯст ва фазилатпарвар буд аз дӯстдорони ҳикмат ва фалсафаи юнонӣ маҳсуб мешуд. А. Ҷ. аз мамдӯҳони Рӯдакӣ будааст. Дар китоби *«Таърихи Систон»* дар хусуси ҳадяи гиронбаҳое, ки амир Наср ибни Аҳмад барои А. Ҷ. фиристода будааст ва *Рӯдакӣ* қасидаи ғаррое дар васфи ӯ сурудааст, маълумот дода шудааст.

АБУҶАЪФА́Р МУҲАММА́Д ибни Ҷарир ибни Язид ибни Касир ибни Ғолиб Омулии Табарӣ, маъруф ба Табарӣ (838, Омули Табаристон – 923, Бағдод), таърихнигор, муфассир, муҳаддис, муҷтаҳид ва фақеҳи арабизабони форсу тоҷик.Ниг. *Табарӣ.*

АБУҶАЪФА́РИ УТБӢ (с. тав. номаълум – ваф. 974, Бухоро), вазири амирони сомонӣ. Номи комилаш Абуҷаъфар Аҳмад ибни Ҳусейни Утбӣ. Давраи вазирии А. ба замони ошуфтагии сиёсии давлати *Сомониён* мувофиқ омадааст. Пас аз барҳӯрди мусаллаҳонаи *Нӯҳ ибни Мансур* бо *Абуалии Чағонӣ* (947) гурӯҳи мардум кушта шуда, иддае аз онҳо боздошт гардиданд. А. У. низ дар Нахшаб дастгир карда ба Бухоро оварда шуд, ҳабс гардид ва пас аз чанд вақт озод шуд. Соли 954 А. У. ба дарбори *Абдумалик ибни Нӯҳ қабул* шуд, лекин пас аз як сол аз мақоми худ барканор гардид. А. У. с. 972 бори дуюм вазир шуд. Таърихшинос Гардезӣ аз корҳои неки А. У. дар Хуросон ёд кардааст. Иқдомоти муҳими А. У. дар замони вазириаш рафъи душманӣ байни Сомониён ва *Оли Бӯя* мебошад.

Ад.: Мухторов А., Амирон ва вазирони сомонӣ, Д., 1997; Номаи Оли Сомон. Маҷмӯаи мақолот. Маҷмаи илмии тамаддун, таърих ва фарҳанги Сомониён, Техрон, 1377.

Л. Бойматов.

АБУҶАЪФА́РИ ХОЗИ́Н Муҳаммад ибни Ҳусайни Соғонии Хуросонӣ (930 – 971), файласуф, риёзидон ва мунаҷҷими форс-тоҷик. А. Х. дар Соғон – қарияе аз ҳаволии Марв ба дунё омадааст. Соли 959 дар расадхонае, ки Абулфазли Ҳиравӣ дар Рай бино карда буд, фаъолият дошт. Аз А. Х. осори зерин боқӣ мондааст: «Рисолатун фӣ иншо-ил-мусалласот-ил-қоимат-из-завоё-ил-мантиқ-ил-азлоъ», «Ислоҳу китоб-ил-махрубот», «Ал-бурҳон ало аш-шакл-ис-собеъи мин китоби Бани Мусо», «Тафсиру садр-ил-мақолат-ил-ошира мин китоби Уқлидус», «Фӣ истихроҷи хаттайни байна хаттайни мутаволиятайна мутаносибатайни мин-тариқ-ил-ҳандасат-ис-собитати» Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ва Насируддини Тусӣ дар «Шакл-ул-қитъа» аз асарҳои нуҷумии А. Х. сухан рондааанд. Хайём дар «Ал-ҷабр ва-ал-муқобала» қайд мекунад, ки А. Х. бори аввал муодилаҳои кубии навъи $x^3+a = cx^2$-ро бо ёрии буришҳои махрутӣ ҳал намудааст. Инчунин «Китоб зиҷ-ис-сафоиҳ» («Китоби зиҷи сатҳҳо»), «Китоб-ул-масоил-ил-ададийя» («Китоби масъалаҳои ҳисоб») ном осори А. Х. дар таърихи илм маълуманд.

АБУШАКУ́РИ БАЛХӢ (915 – с. ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик. Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти шоирии А. Б., асосан, дар замони ҳукмронии Сомониён гузаштааст. Чанд муддат дар дарбори Нӯҳ ибни Наср (ҳукмр. 943 – 954) хизмат кардааст. Ӯ ба туфайли маснавии «Офаринома» (таълифаш – 947) шӯҳрат ёфт. Саид Нафисӣ ҳангоми ҷустуҷӯи осори ҳамасрони Рӯдакӣ аз тазкираву фарҳанг ва диг. сарчашмаҳои илмию адабию таърихӣ абёти ӯро ёфта, изҳор кардааст, ки А. Б. ғайр аз маснавии «Офариннома», боз се достони дигар иншо карда будааст. Маснавии «Офариннома» асари панду ахлоқӣ буда, аз ҳикоятҳои маишии дорои ҷанбаи ахлоқӣ иборат аст. Аз мероси адабии А. Б. ҳамагӣ 372 байт боқӣ мондааст. Ашъораш асосан ишқӣ ва панду насиҳатист. Забони ашъор ва услуби баёни ӯ равону сода аст. Бисёре аз абёти ӯ ба забони арабӣ тарҷума карда шудаанд. Чанд намуна аз ашъори ӯ:

Хирадманд гӯяд хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату орзу чокар аст.
***
Ду чиз аз дил андӯҳ берун барад,
Рухи дӯсту овози марди хирад..
***
Ҳар он дӯст, к-аз баҳри суду зиён
Бувад дӯст, душман бувад бегумон.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007; Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960. *У. Тоиров.*

АБУШАРА́ФИ НОСЕ́Ҳ ибни Зафар ибни Саъди Муншии Ҷурфодқонӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва тазкиранависи араб (ох. а. 12 – ибт. а. 13). Ашъори арабиаш дар маҷмӯаҳои «Равзат-ул-ҳузн» ва «Шӯълат-ул-қабис» фароҳам омадаанд. Дар тазкираи «Тӯҳфат-ул-офоқ фӣ маҳосини аҳл-ил-Ироқ» тарҷумаи ҳол ва намунаи осори шоирону аҳли адаби Ироқи Аҷамро овардааст. Асари машҳури А. Н. «Тарҷумаи Таърихи Яминӣ» аст, ки онро «Тарҷумаи Яминӣ» низ мегӯянд. «Таърихи Яминӣ» аслан моли таърихнигори форс-тоҷик Абунасри Муҳаммади Утбӣ (961 – байни 1035/40) аст, ки таърихи Ғазнавиён, инчунин воқеаҳои охири аҳди Сомониёнро низ фаро мегирифт. А. Н. тарҷумаи ҳудро с. 1206 анҷом додааст. Забони тарҷума маснӯъ, вале орӣ аз такаллуфот аст. Дар китобхонаҳои кишварҳои Шарқу Ғарб дастнависҳои ин асар маҳфузанд. Дар Теҳрон с-ҳои 1955 – 66 чоп шудааст. Асари А. Н. бо тасвири воқеоти замони Сомониён оғоз ёфта, бо тасвири вазъи пурфоҷиаи кишвар, харобии бозори илму дониш ва қатлу ғорати баъзе ҳокимони салҷуқӣ (1186 – 1207) анҷом ёфтааст.

АБУШОДӢ Аҳмад Закӣ (9. 2. 1892, Қоҳира – 12. 4. 1955, Вашингтон), нависанда, адиб ва тарҷумони араб (Миср). Донишгоҳи Лондонро бо ихтисоси духтур-бактериолог хатм кардааст (1912 – 22). Дар Қоҳира с. 1936 маҳфили адабӣ ва маҷаллае бо номи «Аполло» таъсис кард. Аз с. 1939 дар Искандария ба нашри маҷ. «Адаб» машғул буд. Соли 1946 ба Америка ҳиҷрат кард. Дар Нию-Йорк муҳаррири рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои арабӣ буд. Дар Ин-ти Осиёии Ню-Йорк адабиёти арабро дарс медод. Ба қалами А. қасидаҳо, қиссаҳо ва драмаҳои манзум мутааллиқанд. Осори манзумаш дар маҷмӯаҳои «Шабнами саҳар» (1910), «Шӯълаҳо ва сояҳо» (1931) фароҳам омадаанд. Инчунин қиссаи таърихии «Ибни Зайдун дар ҳабс», «Вафоти Имраулқайс» (ҳар ду 1925) аз осори ӯст. Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, рубоиёти Умари Хайём, фочиаҳои Шекспир ва асарҳои шоирони дигари Шарқу Ғарбро ба арабӣ тарҷума кардааст.

АБУШУА́ЙБ Солеҳ ибни Муҳаммади Ҳиравӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 10). Бино ба ишораи муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят, фаъолияти адабии А. ба охирҳои зиндагии Рӯдакӣ рост меояд. Дар «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ аз ашъори ӯ як тағаззули қасида дарҷ ёфтааст. Дар фарҳангҳои қадима байтҳои ҷудогонаи ӯ ба сифати шоҳиди луғат оварда шудаанд, ки аксар ба ғазалу қасидаҳо нисбат доранд. Аз ашъори ӯ ҳамагӣ 14 байт дастрас гардидааст. Мазмуни аксари ин абёт ишқист. Намуна аз ашъораш:

Силсилаҷаъде, бунафшаоразе,
К-аш Фаридун афдару Парвиз ҷад…
Гар бубахшад ҳусни худ бар зангиён
Туркро бешак, зи занг ояд ҳасад…

Ад.: Авфӣ Муҳаммад, Лубоб-уд-албоб, Т., 1333 ҳ. ш.; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Д., 2007. *У. Тоиров.*

АБУШУҶО́Ъ РӮЗРОВАРДӢ, номи аслиаш Заҳируддин Муҳаммад ибни Ҳусайн (1045, Аҳвоз – 1095, Мадина), таърихнавис ва арбоби давлатӣ. Оид ба фиқҳ, ҳадис, забон ва таърих, алалхусус таърихи *Сомониён* як қатор асарҳо таълиф намудааст. Халифа *Муқтадӣ* (1075 – 94) с. 1076 ӯро вазир таъйин кардааст. Дар замони вазирии А. Р. баъзе намуди андозҳо сабук шудаанд. Дар баробари ин А. Р. баъзе қитъаҳои замини ҳудро вақф карда, дар он масҷиду мадрасаҳо бино кардааст. А. Р. барои бартараф кардани низои байни *сунниҳо* ва *шиъаҳо* хеле кӯшишҳо намудааст. Соли 1091, вақте ки Маликшоҳи Салҷуқӣ ба Самарқанд лашкар кашидан хост, А. Р. низоъро бо роҳи гуфтушуниди осоишта ҳал карда, ба истиқрори сулҳ дар қаламрав ноил гардидааст.

АБУЮСУ́Ф ибни Иброҳим ибни Кӯфии Ансорӣ (с. тав. номаълум, Кӯфа – ваф. 797, Ирок), фақеҳи машҳур, аввалин қозиюлқузоти хилофат дар аҳди Ҳорунуррашид ва яке аз интишордиҳандагони мазҳаби ҳанафия. Аз шогирдони номвари Абуҳанифа. Илми ҳадис, тафсири Қуръон, илми адаб, таъриху забон ва каломи мударрисиро аз овони ҷавонӣ аз олимони машҳури замонаш омӯхт ва ба ҳалқаи дарси мадрасаи Абуҳанифа пайваст. Падари А. мехост, ки ӯ таҳсилро тарк намуда, касби дигареро барои таъмини ризқу рӯзии хонаводааш пеша кунад. Вале Абуҳанифа истеъдоди фавқулодаи ӯро дарк намуда, таъмини ҳароҷоти хонаводаи А.-ро ба ӯҳдаи ҳуд гирифт. Имоми Аъзам бо шогирдонаш мадрасаи фақеҳии ҳудро ба як муассисаи таҳқиқотии илми фиқҳ табдил дода буд. А. дар тамоми ҷаласаҳои корӣ ва муҳокимаҳои масоили фақеҳӣ фаъолона ширкат мекард. Устодаш масъалаи мавриди баҳсро бо ироаи назари ҳуд ба машварати шогирдон ба миён мегузошт ва баъди ҳаллу фасли тамоми паҳлуҳои мавриди баҳс якдилона роҷеъ ба он фатво мебароварданд. А. низ дар ин кор изҳори назар мекард ва вазифадор буд, ки натиҷаро дар китоби бунёдии фиқҳи ҳанафӣ сабт намояд. Муосирони А. Яҳё ибни Муайян, Аҳмад ибни Ҳанбал ва Алӣ ибни Маданӣ, ки онҳо низ фақеҳони машҳури он замон маҳсуб мешуданд, ӯро шахси боэътимод дар илми фиқҳ шуморида, баъди пайвастанаш ба ҳавзаи илмии мактаби Абуҳанифа А.-ро аз бузургтарин фақеҳи асри хеш баъди Имоми Аъзам шумурдаанд. Баъди вафоти Абуҳанифа А. 16 сол ба корҳои марбут ба таҳқиқу таълими ақоиду орои мазҳаби ҳанафӣ машғул шуд, осору суханронӣ ва фатвоҳои устодашро мураттаб сохт ва ба онҳо назари ҳудро ҳамроҳ намуд. Дар солҳои умури шаръию ҳуқуқӣ таълифоти бисёре анҷом дод. Қаблан омӯзиши «ал-Муваттаъ»-и Молик ибни Анас дар маҳфилу маарасаҳои ҳуқуқӣ ба расмият даромада буд.

Пешниҳодҳои дар бори хилофат барои ишғол намудани мансаби қозигӣ ба А. чандин пешниҳод шуда буд, вале ӯ мисли устодаш, пешниҳодҳоро рад карда буд. Баъди чанд соли вафоти Абуҳанифа А. аз сабаби нодорӣ маҷбур шуд, ки вазифаи қозигии қисмати шарқии Бағдодро қабул кунад. Баъдтар Ҳорунуррашид салиқа ва нуфузу эътибори А.-ро ба назар гирифта, ӯро қозиюлқузоти тамоми хилофат тайин кард. Ин аввалин мақоми баланд дар хилофат дар бахши шаръию ҳуқуқӣ буд, ки насиби як нафар намояндаи мазҳаби ҳанафия гардид. Ӯ ҳам раёсати меҳкамаи олиро ба ӯҳда дошт ва ҳам ҳукумати хилофатро дар ҳамаи масоили шаръию ҳуқуқӣ раҳнамоӣ мекард. Дар ин вазифа А. заминаи васеъ ва имконоти бештаре барои интишори мазҳаби ҳанафия пайдо кард. Фиқҳи ҳанафӣ дар тамоми умури ҳаёти ҷомеаи мусулмонӣ русух кард ва ба туфайли фаъолияти А. унсурҳои боризи як низоми қонунмандии амалӣ дар хилофат арзи вуҷуд намуданд. Ҳамин матлаб орзуи деринаи ҳукуматдорони хило-

фати Аббосӣ буд, ки мехостанд халои дар умури давлатдорӣ бавучудомадаи худро бо истифода аз нуфузу эътибори фақеҳони номии вақт пур кунанд. А. бо дониши балеғ, ахлоқи ҳамида ва муносибати оқилонаи хеш тавонист давлати истибдодиро, ки аз даврони Умавиён чунин хусусиятро касб карда буд, мубаддал ба давлате созад, ки бо қавонину мавозини шаръию ҳуқуқӣ эҳтиром гузорад.

А. дар асараш «Китоб-ул-хироҷ» ба баррасии умуру шууни давлатдорӣ пардохта, дар мисоли тарзи ҳукмронии хулафои рошидин ба ҳокимони хилофат мазмуну моҳияти фармонравои одил, вазифаҳои халифа ва ӯҳдадориҳои уммати мусулмон дар умури иқтисодию иҷтимоӣ ва маишӣ, хонда шудани ҳокимону фармонравоён ба пешгоҳи Худованд, вазифаҳои халифа дар ҷомеа ҳамчун ҷонишини Худованд дар рӯи замин ва дигар масъалаҳои ҳуқуқиро шарҳу таъбир намудааст.

Ад.: Алиакбари Вилоятӣ, Пӯёи фарҳанг ва тамаддуни ислом ва Эрон, ҷ. 1, Т., 1382; Таърихи фалсафа дар ислом. ҷ. 2, Т., 1354; Доиратул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 8. Т., 1377; Ҳазраткулов М., Ислом ва Абуҳанифа, Д., 2009. *М. Ҳазраткулов.*

АБУЮСӮФ ЯЪҚӮБИ АНСОРӢ ибни Иброҳим ибни Ҳабиб ибни Асъади Куфӣ (731, Куфа – 807, Бағдод), фақеҳ ва донишманди бузурги ислом. Шогирди содиқи *Абуҳанифа*. Аз хурдӣ дар назди Абуҳанифа дарс омӯхтааст. Ӯ дар давраи хилофати Ҳорунуррашид қозии Бағдод буд ва 18 сол ин вазифаи пурмасъулро адо кардааст. Вай аввалин фақеҳест, ки соҳиби унвони қозиюлқузот гардидааст. А. мусаннифи осори фаровонест, ки китобҳои зерин аз намунаи онҳоянд: «Китоб-ус-салот», «Китоб-уз-закот», «Китоб-ус-сиём», «Китоб-ул-фароиз», «Китоб-ул-ваколат», «Китоб-ул-васоё», «Китоб-ус-сайд ва-з-забоеҳ», «Китоб-ул-ҷавомеъ». Баъзе муҳаққиқон китобҳои ӯро аз 36 то 40 ҷилд номбар кардаанд. *А. Насриддинов.*

АБУЯЪҚӮБИ СИҶИСТОНӢ, олим, доҳии исмоилия (а. 10). Ӯ дар байни ҳамзамонҳои худ Абулҳайсам Аҳмад Ҷурҷонӣ, Абусулаймони Сиҷистонӣ – муаллифи китоби «Савон-ул-ҳикма», Қозӣ Нӯъмон ва диг. мақоми баланд ва обрӯи калон дошт. Сиҷистонӣ баъзан бо номи Сиҷзӣ, Сукро ҳам омадааст, ки Носири Хусрав дар асарҳои худ «Хон-ул-ихвон» (с. 255) ва «Зод-ул-мусофирин» (с. 336) ӯро бо ҳамин номҳо ёдрас намудааст. Саҳми А. С. дар шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва таълимоти фалсафӣ – динии исмоилия аз тамоми пешгузаштагон бештар ба назар мерасад. Ӯ аз шогирдони доҳии исмоилиён Ҳамидуддини Кирмонӣ мебошад. Асарҳои бисёр таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон «Кашф-ул-маҳҷуб», «Тӯҳфат-ул-мустаҷибин», «Китоб-ун-нусрат», «Суллам-ун-наҷот», «Китоб-ул-янобеъ», «Исбот-ун-нубувват», «Китоб-ул-мақолид», «Китоб-ул-ифтихор» мебошанд. Носири Хусрав дар «Хон-ул-ихвон» чанд порчаи оид ба нафс навиштаи А. С.-ро аз «Кашф-ул-маҳҷуб» овардааст. Дар ин асар бисёр масъалаҳои ҳастӣ-муносибати Холиқу махлуқ, таносуби модда ва сурат, ҷисму нафс, макон ва замон ва ғ. баррасӣ шудаанд.

Ӯ дар таълимоти фалсафиаш ибдоро дараҷаи баландтарин ва иллати нахустини пайдоиши олами моддӣ медонад. Ба фикри ӯ, Эзид бо роҳи ибдо берун аз макону замон бевосита Ақли аввалро офарида, сипас ба зинаҳои дигари ҳастӣ амр намудааст.


А. С. масъалаи қидамӣ ва беохири оламро дар макону замон эътироф карда, фанонопазирии табиатро собит намудааст. Дар ин бора ӯ навиштааст: «…мумкин нест, ки табиатро фасод андар ояд аз ҷиҳати зоти ӯ…». Вай «табоҳ гардидани табиат»-ро инкор намуда, қидами оламро дар зоту моҳияти худи олами ашёҳо пиндоштааст. Ӯ мӯътақид буд, ки ҳангоми падид омадани ашёи табиӣ сурати ӯ низ бо моддаи ӯ баробар ба вуҷуд меояд. Ӯ бо пешравӣ аз фалсафаи Аҳмади Насафӣ тамоюли навафлотуниро дар ислом идома додааст ва пайдоиши ҳастиро тибқи таълимоти навафлотуния ҳал намудааст. Ба фикри ӯ, нафси инсонӣ аз як тараф ба олами ақл ва аз тарафи дигар, бо набототу нафси ҳайвонӣ (ё ин ки табиат) робита дорад. Аз ин рӯ, нафс олами ашё, табиат, латоиф ва фазилати онро ба воситаи хавоси панҷгона дармеёбад. Дараҷаи баландтарини дарёфтани моҳияти ботинии олами ашёҳо хирад аст ва ин зинаи маърифат натиҷаи ягонагии онҳо мебошад. Мутафаккир масъалаи бақои нафсро аз назари динию идеалистӣ ҳал намуда, онро ба тавассути нафси нотиқа ба нафси кул пайваст мекунад. Афкори А. С. ба инкишофи таълимоти исмоилия дар асрҳои миёна мусоидат намудааст.

Ад.: Додихудоев Х., Очерки философии исмоилизма, Д., 1976, ҳамон муалл., Философия крестьянского бунта, Д., 1986; Волф П. Э. , Абуяқуби Сичистонӣ мутафаккирва доҳии исмоилӣ. Тарҷумаи Фариддун Бадрай, Т., 1377.

Т. Муродова.

АБХОЗИСТО́Н, Ҷумҳурии Абхозистон, давлат дар қисми шимолу ғарбии Закавказйе, дар соҳили Баҳри Сиёҳ. Номи аслиаш Апсни («Мулки руҳ»). Дар байни д. Псоу ва д. Ингури ҷой гирифтааст. Алҳол мақоми субъекти ҳуқуқи байналмилалиро дорост. Масоҳ. 6,3 ҳаз. км^2. Аҳолиаш 215 ҳаз. нафар (2003). Пойтахташ Сухуми. А. аз 7 ноҳия ва 8 шаҳр – Сухуми, Ткварчели, Гагра, Очамчира, Гудаута, Гали, Питсунда ва Афони Нав иборат аст. А. 26 авг. 2008 истиқлолият ба даст овард ва давлати демократию ҳуқуқбунёд аст. Роҳбари давлат – президент, ки ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад. Забони давлатӣ абхозӣ буда, забони русӣ низ баробари он истифода мешавад.

Табиат. А. кишвари кӯҳсор буда, дар қисми шимолу ғарбии Закавказйе воқеъ аст. Онро аз шимол қ-кӯҳи Асосии Кавказ (баландиаш то 4046 м аз с. б.) иҳота карда, аз он ба ҷануб ва ҷанубу ғарб қ-кӯҳҳои Гагра, Бзиб ва Кодори ҷудо шудаанд. А. қад-қади соҳили Баҳри Сиёҳ дар шакли пастии наздибаҳрӣ тӯл кашидааст. Иқлими А. субтропикии сернам, ҳарор. миёнаи янв. дар соҳил 4 – 6°С, авг. 22 – 24°С. Миқдори боришоти солона 1400 – 1500 мм. Дарёҳои асосӣ: Бзиб, Кодори, Гумиста, Келасурӣ. Кӯлҳои калонаш Ритса ва Амткел. Таркиби заминаш дар баландии то 500 м аз с. б. зардхок ва сурххок, дар кӯҳҳо хоки карбонатдор ва бешагӣ, баландтар аз 2000 м хокҳои марғзори кӯҳист. Бештар аз 55%-и масоҳати А. бешазор буда, дар қисми соҳилии мавзеи димоғаи Питсунда ва Мюсера бешаи қадимаи дарахтони санавбар боқӣ мондааст. Дар баландии аз 700 то 2200 м бешаи кӯҳӣ, аз он баландтар марғзори субалпӣ ва алпӣ воқеъ гардидаанд. Дар А. хирс, хуки ваҳшӣ, силовсин, оҳу, гавазн, нахчир, титав, гулмоҳӣ, озодмоҳӣ, суфмоҳӣ, зағорамоҳӣ ва ғ. вомехӯранд. Сарватҳои зеризаминӣ: ангиштсанг, полиметаллҳо, симоб; чашмаҳои минералӣ.



Абхозистон. Кӯли Ритса.

Аҳолӣ. А. гуногунмиллат буда, дар он абхозҳо, арманҳо, русҳо, гурҷиҳо, юнониҳо, эстонҳо, полякҳо, яҳудиҳо зиндагӣ мекунанд. Зимни барӯйхатгирии с. 1989 шумораи аҳолиаш 525061 нафар буда, дар натиҷаи низоъҳои байни гурҷиҳою абхозҳо (1992 – 93) шумораи аҳолии А. 3 баробар кам гардид ва мувофиқи барӯйхатгирии с. 2003 он 215972 нафарро ташкил медод (абхозҳо 43%, арманиҳо 20%, гурҷиҳо 19%). Мувофиқи маълумоти ҷониби Гурҷистон с. 2005 аҳолии А. 178000 буд. Абхозҳо мӯътақиди дини насронӣ ва ислом мебошанд, вале эътиқодашон махсусиятҳои хоси монотеизми ибтидоиро дорад (мас., масеҳиҳо суннатҳои калисоиро ба ҷо намеоранд, мусулмонҳо гӯшти хук ва шароб истеъмол мекунанд).

Таърих. Нишонаҳои аввалини пайдоиши инсон мансуб ба давраи палеолити поёнӣ (бошишгоҳи Яштух) аст. Дар ҳазораи 6-уми то м. дар минтақаҳои наздисоҳилии А. қасабаҳо пайдо шуда, дар қатори кишоварзӣ ва чорводорӣ ҳунармандӣ ривоҷ ёфт. Ох. ҳазорсолаи 3 ва авв. ҳазорсолаи 2 иншооти мегалитӣ – долменҳо, нимаи ҳазорсолаи 1 то м. қасабаҳои юнонӣ – диоскурияҳо (ҳудуди ҳозираи Сухуми) ба вуҷуд омаданд. Дар а-ҳои 7 – 6 то м. сохти авлодӣ барҳам хӯрда, сохти синфӣ пойдор гардид. Дар минтақаҳои кӯҳӣ муносибатҳои падаршоҳӣ – авлодӣ муддати дароз боқӣ монданд. Дар ох. а. 2 то м. А. дар зери тасарруфи давлати Понтийҳо ва аз с. 65 м. тобеи Рим буд. Дар давраи атиқа қисми А. ба шоҳигарии Колхида дохил буд. Аҳолии А. бар зидди ҳукмронии Рим ва Византия муборизаи мебурд. Дар ох. а. 1 м. дар ҳудуди А. давлатчаҳои Апсилия, Абазгия ва Мисиминия пайдо шуданд. Дар а-ҳои 2 – 6 м. дар А. муносибатҳои феодалӣ ба вуҷуд омада, дини насронӣ паҳн шуд. Аз а. 4 м. А. ба подшоҳии Лазики Гурҷистони Ғарбӣ дохил гардид. Дар даврони ҳокимияти Леони I ва Леони II (а. 8) шоҳигарии Абазгия (генезис, нахустноми А.) хеле тараққӣ карда, аз зери мустамликаи Византия баромад ва тамоми Гурҷистони Ғарбиро дар давлати подшоҳии Абхозистон муттаҳид сохт. Дар нимаи 2-юми а. 10 ба ҳайати давлати муттаҳидаи Гурҷистон дохил шуд. Баъди Леониҳо дар А. се аср сулолаи Багратиҳо ҳукмронӣ карданд. Баъди суқути ин сулола (а-ҳои 13 – 15) А. князигарии алоҳида шуд. Дар а-ҳои 16 – 18 ба тасарруфи Империяи Усмонияи Туркия афтод ва дар ин ҷо дини ислом интишор ёфт. Соли 1810 А. ба Россия ҳамроҳ гардида, аз тааддии султонҳои турк пурра наҷот ёфт ва барои равнақи иқтисодиёт имконият фароҳам гардид. Соли 1866 бар зидди мустамликадорӣ ва муҳоҷиркунии маҷбурии абхозҳо ба ҳудуди Империяи Усмония шӯриш баргузор шуда, нисфи аҳолӣ тарки ватан кард. Ҷойи онҳоро мустамликадорон – гурҷиҳо русҳо, инчунин юнониҳо, эстонҳо ва ғ. ишғол карданд. А. ба роҳи тараққиёти капиталистӣ дохил шуд. Дек. 1905 дар Сухуми, Гудаута ва Гагра ҳокимият расман дар дасти меҳнаткашон буд, аммо ҳаракати инқилобиро қӯшунҳои подшоҳӣ пахш карданд. Ноябри 1917 дар А. ҳокимият ба дасти Комиссариати Закавказйе гузашт. Февр. – марти 1921 меҳнаткашони А. бо ранҷбарони Гурҷистон ба шӯриши яроқнок барҳостанд ва 4 март дар А. Ҳокимияти Советӣ эълон шуд. Дек. 1921 РАСС Абхозистон ба ҳайати РСС Гурҷистон, дек. 1922 ҳамчун як қисми РСС Гурҷистон ба ҳайати РСФСР дохил гардид. Соли 1925 Конститутсияи якуми РСС Абхозистон қабул шуд. Аз февр. 1931 А. ҳамчун РССА ба ҳайати РСС Гурҷистон дохил буд. Соли 1990 статуси Республикаи автономии А. дошт. Тобистони с. 1992 байни роҳбарияти А. ва Гурҷистон дар масъалаи мақоми конститутсионии А. зиддият ба амал омада, то ба задухӯрди яроқноки байни гурҷиҳою абхозҳо расид. Баъди гуфтушунид, апр. с. 1994 байни А. ва Гурҷистон дар Москва таҳти нишони СММ созишномаи мусолиҳаи миллӣ ба имзо расид. 26 ноябри 1994 Шӯрои Олии А. истиқлолияти давлатии хешро эълон ва Конститутсияи нав қабул кард. Ин қарорро ҷониби Гурҷистон, ки А.-ро қисми ҷудонашавандаи давлати хеш меҳисобад, эътироф накард.

Иқтисод. Соҳаи асосии хоҷагии А.-ро парвариши зироати субтропикӣ ва саноати азнавкоркунии ашёи хоми кишоварзӣ ташкил медиҳад. Заминҳои киштукор асосан дар соҳили баҳр ва доманаи кӯҳҳо ҷой гирифта, кишту парвариши зироатҳои бисёрсола: чой, ангур, чормағз, растаниҳои равғани эфирдор ва ситрусӣ тараққӣ кардааст. Дар соҳаи чорводорӣ асосан парвариши гов ва хук ба роҳ монда шуда, занбӯри асал низ мепарваранд. А. минтақаи курортӣ аст. Даромади асосии мамлакат аз ҳисоби сайёҳӣ ва туризм мебошад. Дар як сол зиёда аз 400 ҳаз. сайёҳ ба А. меояд ва даромад аз ин ҳисоб 1,43 млрд рубльро ташкил медиҳад. Курортҳои калонаш: Сухумӣ, Гагра, Гудаута, Афони Нав, Питсунда. 17 сент. 2009 байни Россия ва А. алоқаҳои баҳрии мусофиркашонӣ барқарор карда шуд. Инчунин дар А. саноати хӯрокворӣ, химия ва истихроҷи ангишт ба роҳ монда шудааст. А.-ро бо нерӯи барқ НОБ-и Сухумӣ (дар д. Гумиста) таъмин мекунад. Дар Ткварчелӣ ангишт истеҳсол мешавад. Сухумӣ заводҳои механикӣ, дастгоҳсозӣ, таъмири киштӣ, коргоҳҳои саноати сабук, хӯрокворӣ (ф-каҳои чой ва тамоку дар Гудаута, Очамчира) дорад. Нақлиёти асосии А. автомобилӣ аст. Роҳҳои оҳан, баҳрӣ ва ҳавоӣ низ дорад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии А. дар с. 2009 15,68 млрд, сармоягузориҳо 1,9 млрд ва ҳаҷми савдои беруна 8,5 млрд рубльро ташкил кард. Буҷети с. 2009 бидуни камбуд ва бо даромади 3,9 млрд рубл (аз ин 1,94 млрд – кӯмаки бебозгашти Россия) арзёбӣ шуд.

Маориф. Алифбои абхозӣ с. 1862 тартиб дода шуда, с. 1865 дар Тифлис нашр гардид. То Инқилоби Октябр аз 10/9 ҳиссаи аҳолӣ бесавод буд. Дар давраи шӯравӣ бесаводӣ барҳам хӯрд. То пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар А. наздики 200 муассисаи томактабӣ, зиёда аз 450 мактаби маълумоти умумӣ, 6 мактаби миёнаи махсус, 8 қасри пионерон, 10 мактаби варзишӣ, 3 пойгоҳи техникҳои ҷавон, 2 мактаби олӣ, 15 муассисаи илмӣ, 313 китобхона, 3 музей, 207 клуб фаъолият дошт. Баъди ҷанги с-ҳои 1992 – 93 А. дар соҳаи маориф стандартҳои таълимии Россияро ҷорӣ кард. Ҳоло дар А. 149 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 15 мактаби таҳсилоти асосӣ ва 5 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ дар шаҳрҳо ва 129 мактаби деҳот (аз ин ҷумла дар 63 мактаб таълим ба забони абхозӣ, 51 русӣ, 39 арманӣ, 17 абхозию русӣ ва 1 русию арманӣ), 23 муассисаи томактабӣ, литсей-интернат (дар Сухумӣ), коллеҷи «Башаран», ду мактаби хусусӣ мавҷуд аст. Дар А. 8 муассисаи миёнаи махсус, шӯъбаҳои Коллеҷи саноатию гуманитарии Новочеркасск (дар Сухумӣ ва Гагра), шӯъбаи Коллеҷи гуманитарию экологии Москва, се коллеҷи давлатии маҳаллӣ, 2 муассисаи олӣ – Донишгоҳи давлатии Абхозистон ва Донишкадаи кушодаи Сухумӣ фаъолият доранд. Дар ҳайати Академияи илмҳои А. (АИА) Ин-ти пажӯҳишҳои гуманитарӣ, ин-тҳои ботаника, тиббӣ таҷрибавӣ (таҳқиқи маймунҳо), физикӣ-техникӣ амал мекунанд. Дар А. ҳоло 7 акад. ва узви вобастаи АИА,

31 доктори илм, 150 номзади илм, чандин профессору дотсент ҳастанд.

Матбуот, радио, телевизион. Дар даврони шӯравӣ се газетаи ҷумҳуриявии «Абхозистони Советӣ» ба забонҳои абхозӣ, гурҷӣ ва русӣ, ду маҷаллаи адабӣ-бадеӣ нашр шуда, даҳҳо номгӯй китоб ба табъ мерасид. Ҳоло дар А. газетаҳои «Республика Абхазия», «Эхо Абхазии», «Нужная газета», «Айдгилара», «Бзиб» ва ғ., маҷаллаҳои «Абхазия», «Фатима» нашр мешаванд. Агентии миллии иттилоотии А. «Апснипресс» ном дорад. Радио ва телевизиони А. асосан ба 3 забон – абхозӣ, гурҷӣ ва русӣ хабарҳо мешунавонанд. Дар ҳудуди А. 7 шабакаи телевизионии Россия, Телевизиони давлатии Абхозистон, «Абаза ТВ» ва «Канали 8» пахш шуда, якчанд студияҳои телевизион, аз ҷумла «Аспект ТВ», «AbRecTV», радиостансияҳои «Radio SOMA», «Радиои Абхозистон» фаъолият мекунанд.

Адабиёт. Аввалин нависандагони абхоз С. Званба (1809 – 55) ва Г. Чачба-Шервашидзе (1846 – 1918) буданд, ки асарҳояшонро дар Россия ба забони гурҷӣ ва русӣ чоп мекарданд. Адабиёти бадеии А. асосан дар с-ҳои 20 а. 20 ба вуҷуд омад. Фолклори абхозӣ сарчашмаи он буд. Асосгузорон ва намояндагони барҷастаи адабиёти абхоз: Д. И. Гулиа (1874 – 1960), Л. Лабахуа, И. Папаскир, Б. Шинкуба, А. Гогуа, И. Тарба, Н. Тарба; нависандагони русзабон Г. Гулиа, Ф. Искандер, Д. Зантария.

Санъат. Дар А. ёдгориҳои даврои биринҷӣ, иншоот, биноҳои истиқоматию мудофиавӣ боқӣ мондаанд. Меъмории А. дар асрҳои миёна хеле тараққӣ карда буд (қасрҳои Амбара, Гантиади, маъбадҳои Данда, Афони Нав, Бедия ва ғ.). Дар даврои шӯравӣ биноҳои муҳташами маъмурию маданӣ сохта шуданд. Санъати тасвирӣ ва ороишӣ (бофандагӣ, хотамкорӣ, минётура ва ғ.) дар А. аз қадим инкишоф ёфтааст. К. Чачба-Шервашидзе (1868 – 1968) устоди барҷастаи санъати тасвирии касбӣ мебошад. Театри касбӣ с-ҳои 1920 таъсис ёфта, с. 1930 дар Сухуми Театри миллии Абхозистон (ҳоло Театри давлатии ба номи С. Чанба) ба фаъолият оғоз кард.

Мусиқӣ. Оҳангҳо ва сурудҳои бисёровозаи абхозии динӣ, меҳнатӣ, шикорӣ ва ғ. ба қадимӣ будани онҳо далолат мекунанд. Созҳои миллӣ: аюмаа, ахимаа, анхертса (камончадор), ачарпин (намуди най). А. М. Баланчивадзе, Г. З. Чхиквадзе, В. В. Ахобадзе, Д. Н. Шведов, Ш. М. Мшвелидзе, И. Е. Кортуа ва диг. гирдоварандагони фолклори мусиқии абхоз буданд ва дар асоси он асарҳои ҷолиб офаридаанд (операҳои «Рондашудагон»-и Д. Шведов, «Мзия»-и А. Баланчивадзе).

Ад.: Лакоба С. З., Очерки политической истории Абхазии, Сухуми, 1990; Новая Российская энциклопедия, т. 2, М., 2005.

АБХО́ЗҲО (худашон апсуа мегӯянд), халқ дар Кавказ, аҳолии асосии Абхозистон, ки дар шимоли ғарбии Кавказ зиндагӣ мекунанд. Теъдоде аз А. дар Туркия, Россия, Сирия, Урдун, Европаи Ғарбӣ ва ШМА низ иқомат доранд. Шумораи умумии А. 185 000 наф. буда (ибт. а. 21), дар ҳудуди Абхозистон 94 600 наф. зиндагӣ мекунанд. Забонашон абхозӣ, аз қадим хати худӣ надоштанд, қисман ба хати гурҷӣ ва бархе ба кириллӣ менависанд, забони русӣ низ маъмул аст. Эътиқодмандон ҳанӯз аз ибт. а. 6 ба дини масеҳӣ (православӣ) ва аз а.15 ба ислом (мазҳаби аҳли тасаннун) гаравидаанд. А. аз қадимулайём гурӯҳҳои маҳдуди этникӣ доштанд, ки забон ва аносири маданиашон аз ҳамдигар фарқ мекарданд: садзиҳо (дар Туркия ва Оҷористон зиндагӣ доранд), ачхипсҳо (Туркия), аибтаҳо (Туркия), пасхувҳо (Туркия), бзипсҳо (Абхозистон), гумсҳо (Туркия), сабалҳо (Туркия), абчӯйҳо (Абхозистон), самурзаканҳо (Абхозистон). Ҳамчунин ҳабашҳои абхозшуда низ мавҷуданд. Аҷдоди А. сокинони асосии қадимтарин давлатдории Кавказ буданд, ки Колхида ном дошта, 1200 сол қабл арзи ҳастӣ намуда буд. Урфу одати А. ба гурҷиҳо ва забону маданияташон ба адигейҳо қаробат дорад. *Б. Раҳматов.*



Абхозҳо дар либоси миллӣ.

«АБҲА́РИ КУҲА́Н», 1) номи оҳанг, нағма ва пардаи мусиқии қадимии мавсимӣ – маросимии наврӯзӣ буда, ба муносибати фарорасии Наврӯз ва тантанаи ҷашнгирии он эҷод шудааст. А. К. аз силсилаи тарона ва оҳангҳои «Хусравониёт»-и *Борбад* буда, ба силсилаи дуюми он тааллуқ дорад ва бештар ба қисмҳои тараннумию тавсифии осори ӯ мансуб аст. Баъзе мусиқишиносон А. К.-ро чун асар, яке аз лаҳнҳои хосаи сигонаи Борбад донистаанд; 2) гӯшаи хурди тараннумӣ дар дохили «Ҳаштмақом» (а-ҳои 12 – 13); 3) қисми созию овозӣ дар «Дувоздаҳмақом» (а-ҳои 13 – 14). А. К. дар адабиёти бадеӣ, фарҳанг ва ашъори классикони форсу тоҷик чун қисми созию овозӣ тавсиф шуда бошад ҳам, минбаъд дар мусиқии халқӣ ва касбии тоҷик аз байн рафтааст.

Ад.: Рачабов А., Эҷод ва ичрои мусиқӣ дар садаҳои IV – VII, Д., 2011. *А. Раҷабов.*

АБҲАРӢ Абдулмаҷид (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Дар ш. Ғазна таваллуд ёфта, то охири умр дар ҳамин ҷо зиндагӣ ва эҷод кардааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигор Муҳаммад Авфии Бухороӣ А. аз шоирони маъруфи дарбори Салчуқиён буда, ҷамолушшуаро унвон дошт. Муҳаммад Авфӣ ӯро чун «абҳари бӯстони фазл ва ахбори осмони ҳунар» тавсифнамуда, шеърҳояшро аз ҷиҳати бадеият «тарабангез»-у «ҷоновез» номидааст. Байтҳои зерин намунае аз ашъори ӯянд:

То ишқи ту дар дилам муҳайёст,
Бар дил баду неки ишқ пайдост.
То сабр дари салоҳ барбаст,
Андар дили ман ҳазор савдост.
То қофилаи висол бигзашт,
Овози фироқи дӯст бархост…

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, ҷ. 2., Лейден, 1903. *А. Афсаҳзод.*

АБҲАРӢ Асируддин Муфаззал ибни Умари Самарқандӣ (с. тав. номаълум – вафот 1301, Туркия), файласуф, олим ва шоири а. 13 форсу тоҷик. Шарҳи ҳол ва зиндагии овони кӯдакию наврасиаш маълум нест. Баъди истилои муғул ба Сурия ҳиҷрат кард ва чанд сол дар Димишқ зист. Баъд ба Туркия рафт ва то охири умр он ҷо монд. А. бо Насируддини Тусӣ аз рӯи масъалаҳои гуногуни фалсафӣ мукотиба доштааст. Асарҳои муҳимтаринаш инҳоанд: «Танзил-ул-афкор» («Тартиби фикрҳо»), «Кашф-ул-ҳақоиқ» («Кашфи ҳақиқатҳо»), «Исоғуҷӣ» – оид ба илми мантиқ; «Ишорот», «Маҳсул», «Ар-Рисолат-уз-зоҳирату фӣ ибтоли баъза муқаддимот-ил-ҷадалиёт» (Рисола дар зоҳир кардани ботилҳои баъзе муқаддимаҳои ҷадал»), «Мабдаъ ва Маод» – доир ба фалсафа; «Китоби ҳидоя» – дар мавзӯъҳои илми

табиатшиносӣ ва фалсафа, ки муддате дар тамоми мамолики исломӣ китоби дарсии толибони ҳикмат буд; «Мухтасари илми ҳайъат», «Рисолаи устурлоб», «Зичи ихтиёрӣ» – доир ба нуҷум. А. моддаву сурат, ҳаракату замон, халову макон, таносуби ҳиссу ақл, ҳад, расм, қазия, қиёс ва бурҳон барин масъалаҳои фалсафиву мантиқро мавриди баҳс қарор додааст. Дар ҳалли масъалаҳои фалсафӣ байни фалсафаи машшоъ (ниг. Машшоия) ва калом мекалавид. Чунончи, офариниши оламро қоил бошад ҳам, онро баробари Худо азалию абадӣ медонист. А. нақши ҳиссу ақлро дар ҷараёни маърифат баланд арзёбӣ намуда, донисташаванда будани оламро эътироф мекард. А. чун шоир низ шӯҳрат дошт. Девони ашъораш шомили се ҳаз. байт будааст. Дар рубоиҳояш ба Умари Хайём пайравӣ кардааст. Абёти зерин аз ӯст:

Мискин дили ман чу маҳрами роз наёфт,
В-андар қафаси ҷаҳон ҳамовоз наёфт.
Андар сари зулфи моҳрӯе гум шуд,
Торикшабе буду касаш боз наёфт.

То кай мадади нафси бадомӯз кунам,
Халқе зи вучуди худ ғамомӯз кунам.
Минбаъд бар онам, ки ба курсе чу фалак,
Рӯзе ба шабе ораму шаб рӯз кунам.

Ад.: Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тусӣ, таълифи Мадрасии Разавӣ, чопи дуюм, Т., 1370; Динаршоев М., Философия Насируддина Туси, Д., 1968. *М. Султонов.*

«АБҲА́Р-УЛ-ОШИҚИ́Н», асари *Рӯзбаҳони Бақлӣ* роҷеъ ба тасаввуф. Ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст. Он масъалаҳои тасаввуфро дар бар гирифта, аз муқаддима ва 32 фасл иборат мебошад. Муаллиф китобро ба наргисе монанд мекунад, ки машоми орифонро атрогин месозад. Ваҷҳи тасмияаш ҳам аз ҳамин ҷост. Дар фасли аввал (дар «Лутфи ошиқу маъшуқ») муаллиф ба соликони тариқат мурочиат карда, моҳияти маърифатро дар шиори «бо дидаи инсонӣ ба олами инсонӣ нигар» иброз доштааст. Фасли дуюми «А.» роҷеъ ба муқаддамоти ишқ баҳс мекунад. Дар ин фасл муаллиф бидояти ишкро иродат медонад; баъд мувофиқату риёзат меояд ва ҳақиқати ҳамаи он муҳаббат мебошад. Муҳаббат, агар ба камол расад, шавқ аст ва агар ҳақиқат пазирад, ишқ аст. Вобаста ба ҳамин масъала муаллиф навъҳои ишкро баён намуда, дар фасли сеюм ба шарҳи ишқи инсонӣ мепардозад. Дар фаслҳои чаҳоруму панҷум мафҳумҳои ҳусну ҷамолу камол ва хулқу сафою вафо баён шудаанд. Дар фаслҳои минбаъда бидояти ишқ, табдили ишқи инсонӣ ба ишқи илоҳӣ, риёзати қалбӣ, таҳзиби ахлоқ, муроқаба, хавф, ризо, қурб, яқин ва дигар масъалаҳои мақомоту аҳволи тасаввуф мавриди таҳлили муаллиф қарор гирифтаанд. Фаслҳои охири «А.» ба масъалаҳои бисёр ҳассоси таълимоти ирфонӣ – мукошафа, мушоҳада, муҳаббат, шавқ ва ишқи комил оид аст. Муаллиф дар онҳо моҳияти асосии таълимоти ирфонии худро баён намуда, ишкро сифати ҳақ мешуморад ва монандии ошиқу маъшуқро мақоми тавҳид мепиндорад. «А.» дар силсилаи «Ганҷинаи навиштаҳои эронӣ» бо тасҳеҳ ва муқаддимаи форсию франсавӣ ва тарҷумаи фасли аввали он ба забони англисӣ бо кӯшишу эҳтимоми Ҳенри Корбэн ва Муҳаммад Муин с. 1958 дар Теҳрон ба табъ расид.

Ад.: Шайх Рузбаҳони Бақлии Шерозӣ. «Абҳар-ул-ошиқин фӣ аҳвол-ил-ушшоқ», Т., 1337 – 1954. *М. Ҳазратқулов.*

АБҶА́Д (ар. ابجد), 1) номи калимаи якум аз 8 калимаи ҳуруфи ҷумал; 2) номи шартии 28 ҳарфи алифбои забони арабӣ, ки ба тартиби қимати ададиашон дар 8 калимаи маснӯъ гирд оварда шудаанд. Он 8 калима ин аст: ابجد (абҷад), هوز (ҳавваз), حطى (ҳуттӣ), كلمن (каламан), سعفص (саъфас), قرشت (қарашат), ثخذ (сахаз) ва ضظغ (зазағ). Дар бораи маъно ва мафҳуми ин 8 калимаи маснӯъ дар фарҳангҳо ва китобҳои оид ба таърих ақидаҳои мухталиф ва тахминие баён шудаанд, ки ҳеҷ гуна асоси илмӣ надоранд. Чунин тартиби ҳарфҳои арабӣ, аслан аз тартиби алифбои финиқию оромӣ баромада, ададҳои муайянро ифода мекунанд (ниг. ҷадвал). Арабҳо аз ин 8 калима 6-тои аввалро дар асоси алифбои финиқию оромӣ тартиб дода, барои ба 1000 расонидани ифодаи ададии ҳарфҳо аз 6 ҳарфи арабӣ, ки дар алифбои финиқию оромӣ вуҷуд надоштанд, ду калимаи охирин (сахаз ва зазағ)-ро сохтанд. Ифодаи рақамии ҳарфҳо аз 1 то 10 яктоӣ, аз 10 то 100 даҳтоӣ ва аз 100 то 1000 садтоӣ зиёд мешавад. Ҳарфро бо адад ва ададро бо ҳарф ифода кардан, ки А. ё ҳисоби ҷумал ном дошт, дар замони қадим дар ёд нигоҳ доштани санаҳоро осон ва навишти онҳоро мухтасар мекард. Ҳамин ки нуфузи ҳарфҳои арабӣ афзуд, риёзидонҳо ва мунаҷҷимон ҳам ишораи ададии ҳарфҳоро дар асоси он тартиб доданд, ки онро «Ҳисоби абҷад» ё «Ҳисоби мунаҷҷимон» низ меноманд. А. дар адабиёти классикии форс-тоҷик аз даврai пайдоиши худ (а. 12) барои сохтани моддаи таърих истифода шудааст ва қоидааш он аст, ки шоир, нависанда, котиб ё муаррих барои ифодаи таърихи дилхоҳи худ ҳарф, калима, ибора, мисраъ ё байту порчаи шеъриро дарҷ мекунад, ки он «моддаи таърих» ном дошта, санаи матлубро ифода менамояд. Тазкиранавис ва шоири форсизабони Ҳиндустон Мирғуломалихони Озод дар тазкираи «Хизонаи омира» таърихи вафоти Мирзо Абдулқодири Бедилро ин тавр баён кардааст:

Сару саркардаи арбоби сухан
Аз ғамободи ҷаҳон хуррам рафт.
Гуфт таърихи вафоташ Озод:
«Мирзо Бедил аз олам рафт».

Моддаи таърих мисраи میرزا بیدل از عالم رفت «Мирзо Бедил аз олам рафт» мебошад, ки агар қимати ҳарфҳои онро ба ҳисоби А. ҷамъ кунем, аз он санаи дилхоҳи муаллиф, ки с. 1133 ҳ. қ. (мутобиқи 1721 м) аст, берун меояд,

Алифбои Арабӣ, шаклаш	номаш	Қимати ададиаш
ا	алиф	1
ب	бо	2
ج	ҷим	3
د	дол	4
ه	ҳо	5
و	вов	6
ز	зо	7
ح	ҳо	8
ط	то (иткӣ)	9
ى	йо	10
ک	коф	20
ل	лом	30
م	мим	40
ن	нун	50
س	син	60
ع	айн	70
ف	фо	80
ص	сод	90
ق	қоф	100
ر	ро	200
ش	шин	300
ت	то	400
ث	со	500
خ	хо	600
ذ	зол	700
ض	зод	800
ظ	зо (изғӣ)	900
غ	ғайн	1000

яъне م = 40 + ی = 10 + ر = 200 + ز = 7 + ا = 1 + ب = 2 + ی = 10 + د = 4 + ل = 30 + ا = 1 + ز = 7 + ع = 70 + ا = 1 + ل = 30 + م = 40 + ر = 200 + ف = 80 + ت = 400 ҷамъ 1133 ҳ. ш. (мутобиқи 1721 м.).

Шоири а. 15-и форс-тоҷик Амир Дӯсти Ҳошимӣ дар вафоти Беҳзод гуфтааст:

Агар хоҳӣ, ки таърихаш бидонӣ,
Назар афкан ба «хоки қабри Беҳзод.

Дар ин байт моддаи таърих ибораи «хоки қабри Беҳзод» (خاک قبر بهزاد) буда, ба ҳисоби А. адади 942-ро ифода мекунад, ки соли ҳичрист ва ба с. 1536 милодӣ баробар мебошад. Азбаски А. аз ихтирооти мардуми араб буда, ба адабиёти форс-тоҷик роҳ ёфтааст, шоирон ҳангоми истифода аз он, асосан, қоидаю қонунҳои адабиёти арабро риоя кардаанд ва ба алифбои арабӣ чор ҳарфи форсӣ-тоҷикии پ (п), چ (ч), ژ (ж) ва گ (г)-ро ҳамроҳ кардаанд, ки дар ҳисоби А. қимати ҳарфҳои арабии ب (б), ج (ҷ), ز (з) ва ک (к)-ро ифода мекунанд. Ҳисоби А. баробари осон гардонидани ҳифзи санаи воқеаҳои таърихӣ ва ихтисори сабки навишт, барои тарбияи зеҳн ва ҳофиза аҳамият дорад.

Ад.: Асадуллоев С., Оқилов М., Абҷад ва таърихҳо, Д., 1972; Абурайҳони Берунӣ, Китоб-ут-тафҳим. Д., 1973; Қосимова М., Хат ва имлои матни классики тоҷик, Д., 2000.
У. Тоиров, Ш. Кабиров.

АБҶАДӢ Мир Муҳаммад Исмоилхон (с. тав. номаълум – ваф. 1788, Мадрас), шоири форсизабони Ҳиндустон. Ба забони урду низ шеър мегуфт. А. аз шоиронест, ки анъанаи «Хамса»-нависиро идома додааст. Инчунин аз ӯ ду девони ашъор (ба форсии тоҷикӣ ва урду), маҷмӯаи қасоид боқӣ мондааст. «Хамса»-и А. маснавиҳои «Зубдат-ул-афкор» (дар ҷавоби маснавии «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ), «Анварнома» (дар вазни шеърии «Искандарнома»-и Низомӣ, аммо дар мавзӯи дигар), «Роғиб ва Марғуб», «Ҳафт ҷавҳар» (дар ҷавоби «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ), «Муводдатнома»-ро (дар вазни шеърии «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ) дар бар гирифтааст. Ба қалами А. маснавии «Ҳақиқатнома», инчунин шарҳе ба «Тӯҳфат-ул-ироқайн»-и Хоқонии Шервонӣ тааллуқ доранд. Дар маснавии «Анварнома» А. оид ба баъзе шуарои гузаштаи форс-тоҷик чунин гуфтааст:

Нахустин зи таркиби донишварӣ,
Шуд афрӯхта унсури Унсурӣ…
Чу шуд сард бозори он тездам,
Баровард Фирдавсии Тусӣ алам…
Замона ба Хоқонии поккеш,
Чу Хоқони Шервон сар афканд пеш…
Пас аз рафтани ӯ ба сайри ҷинон,
Шуда Анварӣ нурбахши ҷаҳон…
Чароғаш фурӯ рафт чун дар замин,
Низомӣ шуда моҳи маснаднишин…
Чу ӯ шарбат аз ҷоми Ризвон чашид,
Ба Саъдӣ нишоти сухан даррасид.

Ад.: Асадуллоев С., «Лейли и Меджнун» в фарсиязычной литературе (биобиблиографический обзор), Д., 1981. *С. Асадуллоев.*

АБҶАДХО́Н, бачаи навомӯзи мактабҳои қадими мусулмонӣ. Омӯзиш аз 8 калима: абҷад, ҳавваз, ҳуттӣ, каламан, саъфас, қарашат, сахаз ва зазағ сар мешуд, ки ҳамаи 28 ҳарфи алифбои арабиро дар бар мегирифт. Навомӯз ин калимаҳоро, ки дар тахтача навишта мешуданд, азёд мекард ва бо шаклу талаффузи ҳарфҳо шинос мешуд. Ин давраи хониш «абҷадхонӣ» ном дошт.Ниг. низ *Абҷад*.

АБЪО́Д, ниг. *Бӯъд*.

АБЭ́ Кобо (номи аслиаш Кимифуса; 7. 3. 1924 – 22. 1. 1993), нависанда, драматург ва файласуфи Япония. Хатмкардаи фак-ти тиббии Донишгоҳи Токио (1948), вале ба адабиёт машғул шуд. Пас аз нашри қиссаи «Девор. Ҷиноятии Карума» (1951; Ҷоизаи Акутагава) шӯҳратманд гардид. А. мисли Акутагава кӯшидааст мавзӯъҳои миллии Япония (шарқӣ)-ро бо анъанаҳои адабии европагӣ тавъам намояд. Мавзӯи асосии эҷодиёташ – танҳоӣ ҳис кардани инсон дар ҷомеаи муосир. Афкору андешаҳояш дар ин бобат ба равияҳои экзистенсиализм қаробат доранд. Дар эҷодиёташ таъсири Ф. Кафка ба назар мерасад. Ба қалами А. қиссаҳои «Давраи чоруми яхбандӣ» (1958), «Ҳаммонанди инсон» (1960), романҳои «Зан дар регзор» (1962), «Чеҳраи ноошно» (1964), «Харитаи сӯзонидашуда» (1967), «Одам – куттӣ» (1973), «Киштинишастагон» (1984); пйесаҳои «Шабаҳҳо дар миёни мо» (1958), «Марди ба адабчӯб табдилёфта» (1960) ва ғ. тааллуқ доранд. Асарҳояш ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудаанд. Мувофиқи рейтинги байналмилалӣ ба қатори 100 нависандаи беҳтарини а. 20 дохил гардидааст.

Ос.: Собрание сочинений, в 4-х томах, С.-Пб., 1998.

АВА́З, яке аз қаҳрамонҳои асосии нусхаҳои тоҷикии ҳамосаи «Гӯрӯғлӣ», писари Гӯрғулӣ. Дар оилаи Карим-қассоб (персонажи ҳамосаи «Гӯрӯғлӣ») тарбия меёфт ва ҳамин шахсро падари аслии худ мепиндошт. Дар баъзе нусхаҳои «Гӯрӯғлӣ» (мас., дар достони мансури он, ки дар ноҳияҳои қисми шимолии Тоҷикистон сабт гардидааст) А. писархонди Гӯрӯғлӣ мебошад. Гӯрӯғлӣ А.-ро аз хонаи Карим-қассоб ба Чамбули Мастон меорад ва ӯ дар ин мулк ба камол расида, паҳлавони далеру шуҷоъ, нотарс, ободгар, ҳимоятгар, зебу зинати кишвар мешавад. Гӯрӯғлихонони тоҷик на танҳо корнамоиҳои Гӯрӯғлӣ, балки паҳлавониву далерии А.-ро низ дар достонҳои алоҳида, аз қабили «Таваллуди Аваз», «Таваллуди Нуралӣ», «Таваллуди Шералӣ», «Ҷанги Аваз бо Қатлоншоҳ», «Ҷанги Аваз бо Ландаҳур» ва ғ., тавсиф намудаанд. Дар «Гӯрӯғлӣ»-ҳои гӯрӯғлисароёни тоҷик А. бо сифатҳои гуногун – бодур (баҳодур), додхо (адолатхоҳ), зарринкамар, хирадманду доно, зирак, шербачаи паҳлавон, шермард, шери майдон, шери Худо, ҳақҷӯ, халқпарвар, дурандеш, вафодор, инсондӯст, меҳрубон ва ғ. ёд шудааст. А. инчунин қаҳрамони дӯстдоштаи халқҳои дигари Осиёи Марказӣ мебошад.

Ад.: Амонов Р., Эпоси қаҳрамонӣ, дар кит. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб, Д., 1963; Муродов Ф., Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи «Гӯрӯғлӣ», Д., 2006. *Ф. Муродов.*

АВАЗАЛӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саразми ноҳ. Панҷакент. Аз деҳа то маркази ноҳия – ш. Панҷакент 14 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 484 нафар (2009), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: шоликорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Зарафшон обёрӣ мешаванд.

АВАЗБЕ́КИ ТОЛИҚО́НӢ, Бадахшӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 17). Бино ба маълумоте, ки дар китоби «Баҳр-ул-асрор фӣ маноқиб-ул-ахёр»-и Маҳмуд ибни Амирвалӣ (а. 17) омадааст, А. Т. дар дарбори Нодирмуҳаммадхони Аштархонӣ (ҳукмр. 1643 – 65) хидмат карда, унвони Маликушшуаро гирифта буд. А. Т. ба «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ҷавобия навиштааст. Дар Толиқон волӣ будааст. Дар охири умр аз кори дунявӣ дурӣ ҷуста, гӯшагирӣ ихтиёр кард. Аз роҳи Ироқ ба зиёрати Каъба рафт. Дар бозгашт дар ҳудуди Форс ба ҳуҷуми роҳзанон дучор омад ва ранҷи зиёде кашид. Абёти зерин аз ӯст:

Чароғи дайри вафоям мабин ҳақир маро,
Ки дарди ман зи димоғи фалак дар озор аст.
Ба дидаи маҳак, эй муштарӣ, мабин айбам,
Зари тамомиёр аз маҳак дар озор аст.
***
Саодат хӯша мебандад, ки шояд донаи гандум,
Барои рӯзии мурғе, ки маҳбуси қафас гардад.

Ад.: Ҳабибов А., Доираи адабии асри XVII тоҷикон дар Балх, маҷ. «Фарҳанг», 1991, № 8.
А. Ҳабибов.

АВАЗМУҲАММА́ДИ МУСАВВИ́Р (с. тав. ва ваф. номаълум), хат-

тот ва шоири тоҷик (а. 19). А. М. дар Хуҷанд дар оилаи шахси фозилу донишманд Ҳоҷӣ Муҳаммад Лисонии Хуҷандӣ таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоиро низ аз падар гирифтааст. Баъдтар, ҳангоме ки падараш мударриси мадрасаи Кӯкалтош (Бухоро) мешавад, А. таҳсилашро дар ин мадраса идома медиҳад. Баъди хатми таҳсил ба Хуҷанд баргашта, дар мадрасаи Намозгоҳи зодгоҳаш мударрисӣ кардааст. Фанҳои давраш ва инчунин навъҳои хати арабиро ба шогирдонаш омӯхтааст. Дар баробари таълим дар мадраса А. чандин девони ашъори шуарои пешин ва муосиршро бо хати зебову хоно китобат намудааст. Мас., ду девони Нозил ва як девони ашъори Ғании Кашмирӣ, ки ӯ китобат кардааст, дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақамҳои 505/11 маҳфузанд. Як нусхаи девони Нозил таҳти рақами 1033 дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АВАЗҶОНӢ, навъе аз харбузаҳои миёнсолӣ; ба навъҳои амирӣ мансуб аст. Асосан дар ноҳ. Бобоҷон Ғафуров ва маҳалҳои гирду атрофи он мепарвараанд. Баъди 80 – 85 рӯзи кишт мепазад. Ҳар палакаш 1 – 2 харбуза мебандад. А. харбузаи байзашакл (дарозиаш 33 – 40 см, вазнаш 3 – 5 кг) буда, пӯсташ суфтаи рах-рах, тунук, баъзан чин-чин ё тӯрдори зебо аст; рангаш сабзи сафедча. Мағзаш (3,5 – 4,5 см) сафеди сабзтоб, сахти карсосӣ, сероб, ширин, хуштаъм ва хушбӯй; 6 – 8% қанд ва 7,3 – 9,4% моддаҳои хушк дорад. Тухмаш паҳни дарозрӯя, калон-калон, зарди сафедтоб, тухмпаллаҳояш ба мағз часпидаанд. Аз ҳар га андаряк 140 – 160 сентнер, ҳангоми ба заминҳои навкорам кишт кардан, 260 – 290 сентнер ҳосил гирифтан мумкин аст. А.-ро асосан тар мехӯранд, карҷ-карҷ бурида мехушконанд ва мураббо мепазанд. А. барои ба ҷойҳои дур кашондан ва нигоҳ доштан мувофиқ аст. Бештар аз касалии пажмурдашавии фузариозӣ ва гарда зарар мебинад.

Ад.: Гулмамадов М., Зироатҳои полизии Тоҷикистон, Д., 1985.

АВА́Л (франс. Aval), кафолатнома, замонати пардохтҳо. 1) Замонати яктарафаест, ки дар он шахси сеюм пардохти вексел ё чеки қарздореро бар ӯҳдаи хеш мегирад ва ҳарду баробар ҷавобгари муомилот (мас., ӯҳдадории қарздор назди векселдиҳанда) мешаванд (мувофиқи шарт ва ҳаҷми муқайяд дар аҳдномаи дутарафа). 2) Санади шаҳодатдиҳандаи ин гуна муомилот, ки ба вексел илҳоқ мекунанд. 3) Қайди хаттии чунин муомилот дар вексел ё чек.

АВАНГА́РД, деҳа дар ҷамоати деҳоти Озодагони ноҳ. Панҷ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Панҷ 4 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 337 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ, сабзаваткорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АВАНГА́РД, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ориёни ноҳ. Бохтари вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомонӣ 13 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2178 нафар (2009), ӯзбекон ва тоҷикон. Деҳа нуқтаи хизмати маишӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АВАНГА́РД (франс. avant – пешопеш ва garde – посбон), мақоми ҳифозатӣ дар кӯшунҳои хушкигард ва флот, ки ҳангоми юриш барои муҳофизати онҳо пешопеши қувваҳои асосӣ ҳаракат мекунад. Мақсади А. роҳ надодан ба ҳамлаи ногаҳонии душман ба қувваҳои асосӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои омода шудан ба ҷанг, инчунин бартараф намудани монеаҳо дар самти ҳаракати қӯшун мебошад. Ҷудокунии қувваю воситаҳо дар ҳайати А. ва дуршавии он аз қувваи асосӣ ба вазъият ва вазифаҳои пешгузошта вобаста аст.

«АВАНГА́РД», ҷараёни бадеист дар кинои франсавӣ. Охири Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, асосан дар с-ҳои 20 а. 20 шакл гирифтааст. Санъаткорони «А.» дар аввали фаъолияти худ афкори пешқадам доштанд. Онҳо мекӯшиданд, ки кино аз ҳукми сармоя озод шуда, ба тамошогарони одӣ, хусусан коргарон хизмат намояд. Аз рӯи ақидаи назариячиёни «А.» ояндаи санъати киноро танҳо тамошогари одӣ муайян карда метавонад, аз ин рӯ воситаҳои тасвири кино бояд ғояҳои ҳаётро ифода намоянд. Филмҳои авангардистон бештар ба мазмунҳои камеравӣ асос меёфтанд ва ин имкон медод, ки рӯҳияи қаҳрамонҳо амиқтар тасвир ёбад. Филмҳои Жан Энштейн «Дили бовафо» (1923) дар бораи ғолибияти фидокорӣ бар бераҳмӣ ва Абел Ганс «Чарх» (1923) дар бораи меҳнати вазнини коргарони роҳи оҳан, ки зиндагӣ ва маишати бад доранд, намунаҳои беҳтарини эҷодиёти ин равия мебошанд. Ох. с-ҳои 20 а. 20 режиссёрони «А.» зери таъсири ҷараёнҳои шаклпарастӣ, аз ҷумла сюреализм монданд. Авв. с-ҳои 30 а. 20 «А.» аз байн рафт. Қисме аз авангардистон ба хидмати кинои тиҷоратӣ гузашта, қисми дигарашон санъати реалистиро пеша намуданд.

АВАНГАРДИ́ЗМ (аз франс. Avant-gardisme – пешсаф), номи шартии ҷараёне дар адабиёт ва санъати а. 20, ки ба он аз анъанаҳои пешинаи образҳои бадеии реалистӣ дур шудан, ҷустуҷӯи воситаҳои нави тасвиру баён ва шакли шартиву рамзӣ ва зоҳирии асар хос буд. Авангардистон дар адабиёт ва махсусан дар санъат ба тасвири ҳам чудоӣ ва ҳам зиддиятҳои байни идеология ва зиндагӣ мақоми якумдараҷа дода, мавқеи иҷтимоии санъатро дар инъикоси зиндагӣ кам ба назари эътибор мегирифтанд. Онҳо шаклҳои маъмулии эҷодиёти бадеиро на бевосита, балки мувофиқи талаботи мураккабу шартии эстетикӣ тасвир мекарданд ва ба ҳамин восита А. ба яке аз шохаҳои зоҳиран мавҳуму маҷҳули модернизм мубаддал гардид. Истилоҳи А. дар танқиди адабиву бадеии с-ҳои 20 а. 20 ба вуҷуд омада, с-ҳои 50 а. 20 дар санъатшиносӣ устувор гардид. А. зуҳуроти пурра ва мураккаби бӯҳрони маданияти буржуазии а. 20 буда, дар заминаи ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии анархистӣ ва субъективӣ сурат мегирад ва рушду такомул меёбад. Дар солҳои тараққиёти А. (1905 – 40) хусусиятҳои он дар як қатор мактабҳо ва майлонҳои модернистии он (кубизм, футуризм, дадаизм ва ғ.) зоҳир гаштанд. А. дар шаклу намудҳои гуногун, аз қабили экспрессионизм, ки ҳомии тасвири барҷастаи эҳтиросоту таассурот буд; дадаизм, ки харобкунандаи эстетика ба шумор мерафт; гурӯҳҳои «чап» ва футуристон, ки ба ҷойи тасвири воқеии зиндагӣ майли зиёд ба тасвири фаъолонаи ҳодисаҳо дошт; сюрреализм, ки тарафдори инъикоси ноаёни тафаккур буд, воқеияти зиндагиро тасвир кард. Баъзе эҷодкорони барҷастаи ба А. майлдошта ба монанди П. Элюар, Л. Арагон, В. Незвал, Б. Брехт, И. Бехер, Д. Ривера аз ақидаҳои модернистии худ даст кашида, рӯй ба санъати реалистӣ оварданд. Қисме аз авангардистон дар мавқеъҳои индувидуализм ва субъективизми эстетикии худ монданд (Ҷ. Ҷойс, М. Пруст, П. Мон-

дриан, С. Дали, П. Клее). Дар асарҳои аввалини В. В. Маяковский, В. Э. Мейерхолд, С. С. Прокофев барин адибону санъаткорон хусусиятҳои А. дида мешуд. Дар ибтидои с-ҳои 30 а. 20 аксар авангардистони Ғарб хусусияти ошӯбгаронаи ошкори эҷодиёти худро гум карданд, ки дар байни онҳо санъаткорони Франсия П. Пикассо, Чили П. Неруда ва диг. буданд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар кишварҳои Европа тамоюлоти авангардистӣ авҷ гирифта, чараёнҳои неоавангардистӣ ба вуҷуд омаданд ва ҳамаи ин чараёнҳо, ки қисме аз онҳо модернистӣ шудаанд, ҳоло ҳам фаъолият намуда истодаанд.

Ад.: Современные проблемы реализма и модернизма, М., 1963; Неоавангардическое течение в зарубежной литературе 1930 – 1960 гг., М., 1972; Давыдов Ю. Н., Эстетика нигилизма, М., 1975; Kramar H., The age of the avantgarde, New-York, 1973. *С. Табаров.*

АВА́НС (франс. avance – қисми музди пешакӣ пардохташуда), 1) маблағи муайяне, ки корфармо ба коргар аз ҳисоби маблағи маоши моҳонаи ӯ пешакӣ мепардозад; 2) маблағе, ки корфармоён барои коркунон таҳти ҳисоби масъулӣ барои харочот (сафарҳои хидматӣ, харидории таҷҳизоту мавод аз мағозаҳо, харҷҳои нақлиётӣ, пардохти ҳақи хизмати дигар муассисаҳо, аз қабили алоқа, почта ва амсоли инҳо медиҳанд); 3) маблағи муайяне, ки супоришдиҳанда (фармоишгар) ба пудратчӣ барои қисми кори анҷомдода ва нашриёт барои муаллиф (ҳақи қалам) аз ҳисоби маблағи умумии дар қарордоди тарафайн нишондодашуда мепардозад.

АВАНСЕ́НА (франс. Avant-seene), қисми пеши саҳна, ки қабл аз пардаи антрактӣ воқеъ аст. Фарохии бари А. баробари пештоқи арки саҳна буда, умқи он аз чорчӯба (рамка) то хати сурхи саҳна (то пардаи антрактӣ) мерасад. А. таҳти саҳнаро васеъ мегардонад, ки ин барои саҳнаи хурд омили муҳим аст. Дар намоишҳои драмавӣ, опера, балет ва ғ. қисмати пеши парда ё худ А. то иваз шудани декоратсия ва таҷҳизоти дигари пасипардавӣ чун ҷойи бозии артистон истифода мешавад. Дар асарҳои драмавӣ қисмати пеши парда баъзан вазифаи саҳнаро ичро мекунад. Режиссёр, одатан, барои ба тамошобинон наздиктар овардани саҳна ва васеътар намудани андозаи он аз А. истифода мебарад. Дар А. аз ду тарафи пештоқ барои ороиши саҳна ва тақвияти ғояи асар декоратсияҳо гузошта мешаванд.

АВАНТИ́ТУЛ (аз франс. avant – пеш аз ва лот. titulus – навиштаҷот, унвони фахрӣ), саҳифаи китоб, ки аз варақи унвон пеш меояд. Дар А., одатан, як қисми маълумоти варақи унвон, аксаран номи нашриёт ё логотипи он, номгӯи силсила ё диг. маълумоти болои сарлавҳа дарҷ мешавад.

АВАРҲО́, 1) қабилаҳои муттаҳиди туркзабон ва дигар қабоили Осиёи Марказӣ, Сибири Ғарбӣ, Приуралйе, Поволжйе. Дар маъхазҳои таърихии миёнаҳои а. 5 аз онҳо ёд шудааст. Солҳои 550 – 62 то Кавкази Шимолӣ расида чандин қабилаҳоро ба худ тобеъ кардаанд. Соли 567 бо сарварии хон Баян қабилаҳои германии гепидҳоро нобуд карда, заминҳояшонро тасхир намуданд ва дар ҷояш Хоқонии Аварҳоро таъсис доданд. Ибтидои а. 10 аз тарафи венгерҳо комилан мағлуб гардида, тадричан бо аҳолии маҳаллии Подунавия ва Причерноморйеи Ғарбӣ омезиш ёфтанд; 2) аварҳо (худашон маарулал мегӯянд), халқият дар Федератсияи Россия, халқи таҳҷойии Доғистон. Дар кӯҳсор ва баъзе навоҳии ҳамвори марказӣ ва шимоли ҷумҳурӣ зиндагӣ доранд. Ҳамчунин дар Чеченистон, Қалмоқистон, вилҳои Астрахану Ростов ва ноҳияҳои Белоканск ва Закаталияи Ҷумҳурии Озарбойҷон низ ҳаёт ба сар мебаранд. Шумораи ками онҳо дар Гурчистон низ сукунат доранд. Забонашон аварист. Забони русӣ низ маъмул аст. То ибт. а. 20 бо хати арабӣ менавиштанд; аз с. 1927 аз алифбои лотинӣ ва аз с. 1938 аз алифбои кириллӣ истифода мебаранд. Шумораи умумии аҳолӣ дар ибт. а. 21 такр. 601 ҳазор; дар Россия 544 ҳазор, аз ин дар Доғистон 496,1 ҳазор нафар зиндагӣ доранд. Эътиқодмандони А. аҳли мазҳаби шофеии тасаннунанд; пайравони силсилаи нақшбандия, қодирия ва шозалияи тасаввуф низ ҳастанд. Шуғли асосии А. чорводорӣ, сабзаваткорӣ, боғдорӣ ва қолинбофист.



Аварҳо дар либоси миллӣ.

Б. Раҳматов.

АВВА́Л (ар. якум, оғоз), дар фалсафаи ирфонӣ истилоҳест, ки мартабаи лотаайюни (ғайри мушаххас) ҳақро ифода намуда, ба зоти маҳзи офаридгор ишора мекунад. Дар ин мартаба вуҷуди ҳақ аз ҳар гуна изофат муназзаҳ ва аз ҳар қайду шарт озод аст. Ин мартабаи ҳақро мартабаи аҳадият меноманд. Баъди А. мартабаҳои таайюни (мушаххас ва муайян) аввал, таайюни сонӣ, арвоҳ, олами мисол ва олами аҷсом меоянд.


«АВВА́ЛИ ИЛМ», дуюмин китоби дарсии мадрасаҳои Бухоро, ки зарурйёти диниро ба усули саволу ҷавоб таълим медод. «А.»-ро баъди китоби дарсии «Бидон» мехонданд.

АВВО́ (ар. – уллоскашанда, аккосзананда; лот. Boötes), бурҷ дар Ним-



Тасвири бурҷи Авво дар дастхатҳои асримиёнагӣ

кураи шимолии осмон, номи манзили сездаҳум аз бисту ҳафт манозили Моҳ. Номи шакли панҷум аз бисту як ашколи шимолӣ, ба сурати марди истода, ба дасти рост асо ва ба дасти чап дос гирифта, ки Ҳорис-ус-самоо низ меноманд. Дар Бобулистони Қадим А.-ро «чӯпони вафодори ҳаво», Юнони Қадим «посбони хирс» (Арктурус, Арктофилакс) ё «Барзгар» меномиданд. А.-ро тамоми тобистон мушоҳида кардан мумкин аст. Масоҳ. А. дар осмон 906,8 градуси квадратӣ буда, 149 ситораи мушоҳидашавандаро дар бар мегирад. Сито-



Бурҷи Авво дар атласи бурҷҳои осмон.

раи муниртарини А. Симоки Ромеҳ (Арктур) аст, ки дар осмон 30° ҷанубии «думи» *Дубби Акбар* воқеъ гардидааст. *М. Холов.*

АВГИ́Т (юн. avge – тобиш, ҷило), минерал аз гурӯҳи пироксенҳо. Аз рӯи таркиби химиявию сохти кристаллӣ ба силикатҳо мансуб аст. Формулаи химиявиаш Ca(Mg,Fe,Al)[(Si, Al)2O6]. Ғашҳои Ti, Cr дорад. Ранги А. сабзи сиёҳтоб ё сиёҳ. Ҷилояш шишагун. Ношаффоф. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 5 – 6,5; зичиаш 3200 – 3600 кг/м^3. А. дар таркиби бисёр ҷинсҳои магмавӣ (андезит, базалт, диабаз) ва қисман метаморфӣ вомехӯрад. Барои зебу зинат истифода мебаранд.

АВГУ́РҲО (лот. Auqures), дар Рими Қадим яке аз куҳантарин ҳайати коҳинон, ки бо роҳи фолбиниву сеҳру ҷоду ва пешгӯиҳо хости худоёнро шарҳ медоданд. Ин гуна маросимҳо, одатан, пеш аз ягон воқеаи муҳими давлатӣ доир мегардиданд. Мувофиқи ривоятҳои Рими Қадим ҳайати мазкурро *Ромул* – асосгузори Рими Қадим ва шоҳи аввалини он (753 – 716) таъсис додааст. Соли 300 то м. шумораи А. 9 нафар, аз он 5 нафар плебейҳо (табақаи озоди аҳолӣ дар Рими Қадим) буданд. Дар аҳди *Юлий Сезар* шумораи аъзои А. ба 16 нафар расид. Дар ҳамон замон А. ба қонунгузории давлат таъсири калон дошт. Бо мурури замон фаъолияти А.-ҳо ба худ шакли сатҳӣ гирифт.

А́ВГУСТ (Augustus), Гай Юлий Сезар Октавиан Август (23. 9. 63 то м. – 19. 8. 14 м.), императори Рим (27 то м. – 14 м.). Пас аз ғалаба бар флоти баҳрии Антоний (31 то м.) ва забти Миср (30 то м.) ҳокими мутлақи давлати Рим шуд, вале идораҳои сохти республикавиро шаклан нигоҳ дошт ва диктатураи ҳарбӣ ҷорӣ намуд, ки он василаи пахш кардани муқобилияти ғуломон ва диг. табақаҳои мазлуми халқ буд. Сохти давлатдорие, ки А. ҷорӣ кард, принсипат ном гирифт. А. Испанияи Шимолию Ғарбӣ, вил-ҳои соҳили Дунайро ба империяи Рим ҳамроҳ карда, вил-ҳои Миср, Мёзия, Паннония, Германияро ташкил дод. 13 янв. с. 27 то м. сенат ба ӯ унвони «Август» (ҳумоюн, рафеи худоҳо)-ро дод. Баъди мағлубият дар Ҷангали Тевтобург (а. 9 м.) ва шӯриши Паннония (а-ҳои 6 – 9 м.) маҷбур шуд юришҳоро қатъ кунад. Дар замони А. дар Рим санъати меъморӣ ва адабиёт тараққӣ кард.

АВГУСТИ́НИ Қадис Аврелий (13. 11. 354, – 28. 9. 430), илоҳиётшиноси масеҳӣ, намояндаи *патристика*и Ғарб. Ба *монавия* ва скептисизм шавқу ҳавас дошт. Соли 387 ба масеҳия гароид, аз с. 395 усқуфи Гиппон таъйин гардид. Онтологияи А. ва таълимоти ӯ роҷеъ ба Худо ҳамчун ҳастии мутлақ ба таълимоти *навафлотуния* монанд аст, вале А. кӯшидааст, ки ғояҳои куҳанро на аз ҷиҳати объект, балки аз ҷиҳати субъект, аз «дурустӣ»-и тафаккури инсонӣ аз нав мулоҳиза кунад. Тибқи таълимоти А. ҳастии Худоро бевосита аз худшиносии инсон баровардан мумкин аст, вале ҳастии ашёро не. Афкори психологии А. дар таълимоташ оид ба замон ҳамчун коррелят (мафҳуми мутаносиб)-и дар ёд доранда, мурофиабакунанда ва мунтазиршавандаи нафс зоҳир шудааст. Хусусияти тозаи тафаккури А. таваҷҷӯҳ ба ду масъала (ҷараёни инкишофи шахсият ва ҷараёни инкишофи таърихи умумиинсонӣ) буд, ки афкори атиқа аз онҳо ғофил мондааст. Хусусияти якум «Омурзиш» – тарҷумаи ҳоли лирикист, ки инкишофи ботинии А.-ро аз кӯдакӣ сар карда, то давраи комилан барқароршавӣ дар масеҳияти ортодоксалӣ нишон медиҳад. А. бо таҳлили тафаккури психологии ба адабиёту фалсафаи атиқа бегона зиддияти барқароршавии шахсиятро нишон дода тавонист. А. аз шарҳи нафси тираи «бетаг» ба хулосаи ногузирии хайрияти илоҳӣ омад, ки шахсиятро аз гунаҳкорӣ бозмедошта, ӯро «наҷот» медиҳад. Масъалаи андешаи орифонаи диалектикаи таърих дар рисолаи «Роҷеъ ба шаҳри илоҳӣ» баён шудааст. А. дар он ду навъи ба ҳам зидди умумияти инсониро баррасӣ намуд: «шаҳри заминӣ» (давлатдорӣ), ки дар асоси «муҳаббат ба худ минбаъд то нафрат ба Худо рафта мерасад» ва «шаҳри илоҳӣ» (умумияти маънавӣ), ки дар заминаи «муҳаббат ба Худо» минбаъд то нафрат ба худ рафта мерасад. «Шаҳри илоҳӣ» бо идеали *теократия* монандӣ надорад. Ҳамаи ҷабру зулм – аз ҷабри кӯдак дар мактаб (дар «Омурзиш» хеле ифоданок тасвир ёфтааст) сар карда, то зулми давлатӣ, ба фикри А., натиҷаи осиян вайроншавии инсон мебошад ва аз ин рӯ қобили нафрат, вале ногузир аст. Барои ҳамин А. зарурати ҳокимияти давлатиро, ки ба қавли худаш, аз як «гурӯҳи калони роҳзанон» иборат мебошанд, эътироф намуд. Дар асрҳои миёна дар масъалаҳои дину фалсафа то Фомаи Аквинӣ А. симои шинохта буд; тамоюли навафлотунии схоластикаи ибтидоӣ аз таълимоти ӯ сар мезанад. *Протестантизм* дар таълимоти А. асосноккунии фардияти динӣ ва эътиқоди худро дар *қазову қадар* ҷустуҷӯ кард. Дар неосхоластикаи католикии муосир мутафаккироне, ки аз босалиқагии *томизм* қаноатбахш нестанд, ба А. мурочиат мекунанд, намояндагони *экзистенсиализм* А.-ро яке аз саромадони худ мешуморанд.

АВГУСТИНГАРОЙӢ, як равияи схоластикаи асрҳои миёна, ки бо нуфузи ғояҳои *Августин* алоқаманд аст. Таваҷҷӯҳи А. ба Афлотуну навафлотуния бештар аст; А. то а. 12 равияи ягонаи ҳукмрон буд: ба он танҳо пантеизми Иоан Скотт Эриуген, номинализми Ростселину Абеляр ва таълимоти ифротии бидъатомез муқобил буданд. Дар а. 13 ақидаҳои арастуӣ, пеш аз ҳама *томизм* доираи фаъолияти А.-ро маҳдуд мекунад.

АВҒО́НОВА Гулбаҳор (тав. 1926, деҳаи Тешиктоши ноҳ. Кофарниҳон), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷикистон (1957). Колхозчӣ (1940 – 47), сардори звенои к-зҳои «Гулистон» (1948 – 59) ва ба номи Телмани ноҳияи Орҷоникидзеобод (1978 – 82). Аз с. 1983 нафақагири шахсӣ. Звенои А. с-ҳои 1948 ва 1949 аз ҳар гектар 48 – 50 сентнер ҳосили пахта гирифтааст. Бо ордени Ленин, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АВЕ́ЗОВ Азизулло Ҳабибович (тав. 1. 1. 1956, Хуҷанд), иқтисоддон, доктори илмҳои иқтисодӣ (1999), проф. (2000), Хатмкардаи Ин-ти политехникии Тоҷикистон (ИПТ, 1979). Солҳои



Авғонова Гулбаҳор.



Авезов Азизулло.

1979 – 81 муаллими ИПТ, 1981 – 83 коромӯзи гурӯҳи машваратии кории энергетикӣ дар назди Президенти АИ СССР (Москва), 1983 – 86 аспиранти Ин-ти марказии иқтисодӣ-риёзии АИ СССР, 1986 – 93 ходими илмӣ, ходими калони илмӣ, сардори шӯъба, муовини директор оид ба корҳои илмии Ин-ти иқтисодии АИ ҶТ, мушовир, нозири шӯъбаи иқтисодиёти КМ ПК Тоҷикистон, 1992 – 94 муовини директори Ин-ти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва алоқаҳои байналхалқии АИ ҶТ, 1994 – 2002 директори бахши хуҷандии Ин-ти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва алоқаҳои байналхалқии ҶТ ва директори Маркази илми иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ҳамзамон с-ҳои 1997 – 2002 директори Биржаи асъори байнибонкии Тоҷикистон буд. Аз с. 2002 директори генералии Ширкати машваратии «Бизнес-Консалтинг». А. аз мутахассисони варзидаи соҳаи ислоҳоти иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, рушди комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ ва усулҳои иқтисодию риёзии тадқиқотӣ ба шумор меравад. Муаллифи 100 асар оид ба интихоби сифатҳои муносиби шабакаи энергияи барқароршаванда, рушди энергетикаи офтобӣ, геотермӣ, шамолӣ, биоэнергетика, тараққиёти соҳибкорӣ ва саноати Тоҷикистон ва ғ. Дар Россия, ШМА ва Англия такмили ихтисос намудааст. Иштирокчии конференсияҳои байналмилалии иқтисоддонҳо дар Москва, Куала-Лумпур, Хелсинки, Линколн (ШМА), Рига, Таллин, Вилнюс ва ғ.

Ос.: Эффективность освоения гидроэнергетического потенциала малых рек в горных регионах, М., 1984; Методические вопросы расчета экономической эффективности гидроэлектростанций в условиях неопределенности исходной информации, Иркутск, 1987; Проблемы формирования и развития национальной энергетической системы Таджикистана, Д., 1999; Формирование региональной экономической стратегии развития, Д., 2008; Проблемы инновационного развития экономики Таджикистана, Хельсинки, 2010. *Ш. Тошева.*

АВЕ́ЗОВ Мухтор Умархонович (28. 9. 1897, ноҳ. Абайи вил. Семипалатински Қазоқистон – 27. 6. 1961, Москва), нависанда ва адабиётшиноси қазоқ, акад. АИ Қазоқистон, Ходими хизматнишондодаи илми Қазоқистон (1957). Хатмкардаи Донишгоҳи Ленинград (1928). Нахустин асари А. драмаи «Енлик-Кебек» (1917) мебошад. Аз с-ҳои 20 а. 20 А. ба эҷоди ҳикояҳову повестҳо ва драмаҳо шурӯъ карда, дар мавзӯъҳои рӯзи с-ҳои 20 – 40 асарҳои бисёре ба табъ расонд. Соли 1945 дар заминаи эпоси қадимаи қаҳрамонӣ драмаи «Қубландӣ»-ро эҷод намуд. А. дар романи «Роҳи Абай» ҳаёт ва эҷодиёти шоири маорифпарвари қазоқ Абай Қунанбоевро ҳаматарафа таҳқиқ намуда, номи ӯро абадӣ гардонд. Дар асар мавзӯи шоир ва халқ, ки эҷодкори ҳақиқии маданияти миллист, вуқӯъгӯёна тасвир ёфтааст. Китоби якуми асар – романи «Абай» (ч. 1 – 2, 1942 – 47; тарҷ. тоҷикӣ 1955) с. 1949 ба Мукофоти давлатии СССР ва китоби дуюмаш – «Роҳи Абай» (ч. 1 – 2, 1952 – 56) с. 1959 ба Мукофоти ленинӣ (баландтарин мукофот дар СССР) сазовор гардид. Асари А. чун «қомуси нимасраи ҳаёти халқи қазоқ» ба забонҳои халқҳои СССР ва ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудааст. А. адабиётшиноси барҷаста, асосгузори абайшиносӣ, муаллифи асарҳои тадқиқӣ оид ба таърихи адабиёт ва фолклори халқҳои қазоқу қирғиз, равобити адабиётҳо буда, дар тадқиқ ва тарғиби адабиёти қазоқ ва адабиёти халқҳои СССР хидмати арзандае кардааст. А. сармуҳаррири китоби якуми асари шашҷилдаи «Таърихи адабиёти қазоқ» буд. Дар бораи эпоси халқи қирғиз – «Манас» монография таълиф намудааст. Ба қалами А. бобе аз китоби «Очеркҳои таърихи адабиёти қазоқ», ки дар он аз адабиёти халқҳои СССР сухан меравад, тааллуқ дорад. А. ба адабиёти тоҷик таваҷҷӯҳи хос дошт. Дар мақолаҳои тадқиқотиаш дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ ва диг. адибони тоҷик фикрҳои муфид баён намуда, аз таъсири адабиёти тоҷик ва намояндагони он ба эҷодиёти шоиру нависандагони қазоқ сухан рондааст. А. эҷодиёти Алишери Навоиро дар алоқамандӣ бо асарҳои Низомию Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳофизу Ҷомӣ таҳлил намуда, аз таъсири онҳо ба эҷодиёти Навоӣ сухан кардааст. Дар мақолаи «Рушди адабиёти халқҳои СССР» мақоми С. Айнӣ ва «Ёдоштҳо»-и ӯро арзёбӣ намуда, «таъсири пурсамари эҷодиёти С. Айниро ба адабиёти халқҳои Осиёи Миёна» таъкид кардааст. А. мутарҷим низ буд. Тарҷумаи «Муфаттиш»-и Н. В. Гогол, «Любов Яровая»-и К. А. Тренёв, «Оттело»-и У. Шекспир ба қалами ӯ тааллуқ дорад. *А. Нуралиев.*

АВЕ́ЗОВА Мастура (1905, деҳаи Унҷии уезди Хуҷанд – 24. 03. 1978, ҳамон ҷо), ходими давлатӣ, яке аз аввалин занҳои муборизи роҳи навини зиндагӣ. Аз оилаи деҳқон. А. аз зумраи нахустзанҳоест, ки фаранҷиро партофта, дар кори ҷамъиятиву истеҳсолии ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон фаъолона иштирок кардааст. Баъди хатми Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии Хуҷанд (1929) фаъолияти меҳнатиашро дар ф-каи шоҳибофии Фарғона оғоз кард. Аз с. 1930 дар Комбинати шоҳибофии Хуҷанд кор кардааст. Минбаъд авв. раиси Комитети иҷроияи вил. Ленинобод (1936) ва баъдтар раиси Комиҷроияи ш. Хуҷанд буд. Аз с. 1960 нафақагир. А. узви КМ ПК Тоҷикистон, чандин даъват вакили Совети Олии Иттифоқи Советӣ ва РСС Тоҷикистон интихоб шудааст. Бо 2 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи II), 5 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АВЕНА́РИУС (Avenarius) Рихард (19. 11. 1843, Париж – 18. 8. 1896, Сюрих), файласуфи идеалисти швейсариявӣ, яке аз асосгузорони *эмприокритисизм*. Мафҳуми асосии фалсафаи А. таҷриба мебошад. Ба воситаи он А. кӯшидааст, ки тазоди байни моддаю рӯҳ ва ҷисмонию рӯҳониро аз байн бурда, ин зиддиятро ба таҷрибаи зоҳирию ботинӣ мутаалликӣ созад. Таълимоти А. оид ба «координатсияи принсипиалӣ» («бе субъект объект нест ва бе объект субъект нест») воқеияти объективиеро, ки берун ва новобаста ба шуури инсон вуҷуд дорад, рад мекунад.

АВЕНЖЕ́, д и ф е н з о к в а т , навъе аз гербитсидҳо. Моддаи сафеди кристаллист. Дар намуди маҳлули обӣ истеҳсол мешавад. А.-ро барои нест кардани ғумой ба киштзори ҷаву гандум (ба ҳар га аз 0,8 то 3 кг) мепошанд.

АВЕСАЛО́МОВ Иван Сергеевич (1. 2. 1907, ш. Великий Устюги Федератсияи Россия – 30. 4. 1986, Душанбе), ветеринар-паразитолог, доктори илмҳои ветеринария, проф. (1952). Баъди хатми Ин-ти ветеринарии ш. Омск (1931) дар Бурятистон кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 45). Баъди ҷанг дар Сибир, Қазоқистон ва Ленинград ба фаъолияти илмӣ пардохт. Соли 1960 ба Тоҷикистон омад. Мудири шӯъбаи паразитологияи Ин-ти тадқиқоти илмии чорводорӣ ва ветеринарияи АИ РСС Тоҷ. (1960 – 62), мудири кафедраҳои анатомия ва физиология (1962 – 65), микробиология, эпизоотология ва паразитологияи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1966 – 86) буд. Муаллифи беш аз 150 асару мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 монография. Тадқиқоти ӯ ба омӯзишу муолиҷаи трипаносомози асп, роҳҳои

муолиҷаи касалии ҳайвонот ва манбаъҳои табиии онҳо оиданд. А. раиси Шӯъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти умумииттифоқии протозоологҳо ва Шӯъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти умумииттифоқии микробиологҳо буд. Бо ордени Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи I), медалҳо, Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., Грамотаи Фахрии ВАСХНИЛ мукофотонида шудааст.


Ос.: Касалиҳои ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва ваҳшии Тоҷикистон, Д., 1973; Касалиҳои гӯсфанд, Д., 1977; Болезни крупного рогатого скота и меры борьбы с ними, учебное пособие, Д., 1978; Болезни лошадей и меры борьбы с ними, учебное пособие, Д., 1984.

АВЕ́СТО, китоби муқаддаси *зардуштия*, яке аз куҳантарин осори адабӣ ва таърихии мардуми эронинажод. Муҳаққиқон калимаи «Авесто»-ро ба тарзи гуногун шарҳу тавзеҳ додаанд. Баъзеҳо онро аз решаи ҳиндуевропоии «вид» ба маънии «дониш» гирифтаанд. Дар ин ҳолат маънии А. ба маънии номи китобҳои муқаддаси Ҳинди Қадим – Ведаҳо мувофиқ меояд. Дар забони паҳлавӣ А. ба шакли Апастак (Упастак) омадааст, ки он маънои «матни асосӣ», «бунёдӣ»-ро медиҳад. Дар «*Бундаҳиш*» А. бо номи «Дин» – «китоби мазҳабӣ», «қонуни динӣ» омадааст. Дар таърихҳои исломӣ ба забони арабӣ ва форсӣ, осори бадеии манзуму мансур навишти гуногуни А. – Ависто, Абастоғ, Абасто, Авасто, Апасто, Афасто, Бустоқ, Исто, Усто, Васто, Сто ва ғ. ба назар мерасад. Дар як байти Рӯдакӣ номи А. ба шакли Абасто омадааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд.

Матни ҳозираи А. як қисм аз матнҳои ҳаҷман калони қадимист, ки ба тартиби муайян дароварда шудаанд. Оид ба мавҷудияти матнҳои қадимии динӣ дар байни зардуштиён таърихнависони Юнону Рими Қадим ишораҳо кардаанд. Мас., таърихнигор Плиний ба Гермипп, ки дар а. 3 то м. умр ба сар бурдааст, такя карда мегӯяд, ки навиштаҳои муғон (зардуштиён) гӯё 2 млн байт будааст ва мундариҷаи онҳо дар китоби Гермипп сабт шудааст.

Нахустин матнҳои А. дар ҳазораи 2 то м. (тақр. а-ҳои 12 – 10) пайдо шудаанд. Дар ҳамин давра китобҳои муқаддаси ҳиндувони қадим – Ведаҳо («Ригведа», «Атҳарваведа», «Самаведа», «Яҷурваведа») ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва матолиби дарбар гирифтааш А. бо Ведаҳо, махсусан «Ригведа» бисёр наздикӣ дорад. Забони авестоӣ ҳам аз бисёр ҷиҳатҳо ба забони санскрит монанд аст. Бисёр муаммоҳои матнҳои авестоӣ ва ҷойҳои аз ҷиҳати маъно норавшани А. дар муқоиса бо матнҳои санскрит (забони санскрит) ҳал карда шудаанд. Дар таҳқиқоти олимони Авестошинос аз ҷумла М. Бойс, Г. Нёли, Инслер ва диг. масъалаи замони пайдоиши А. ва ба «Ригведа» аз ҷиҳати замон наздик будани он ба миён гузошта шудааст. Мақони пайдоиши А. сарзамини Осиёи Миёна, Хуросон (Эрон) ва Бохтар (Афғонистон ва Тоҷикистон) мебошад. Такомули баъдинаи А. дар ҷануби Эрон (Форс) ба амал омадааст. Мувофиқи анъанаи зардуштия, осори дини зардуштии ба забони форсии миёна, забони форсии дарӣ, санскрит, гуҷаротӣ, англисӣ ва ғ. навиштаи зардуштиён ва порсҳои Эрону Ҳиндустон А. дар ҳазораи 1 то м. ҳангоми зуҳури *Зардушт* ба миён омадааст. Дар китоби паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» омадааст, ки Зардушт ба фармони шоҳ Виштосп А.-ро, ки аз 1200 фрагард (боб) иборат буд, ба дин-дабирӣ (хати динӣ) дар тахтачаҳои тиллоӣ навишта, дар хазинаи оташкада ҷой дод, вале Искандари Мақдунӣ ин китобро сӯзонда, ба дарё андохт. Дар китобҳои III ва IV «Динкард» оид ба А. маълумот оварда шудааст. Бо фармони Кави Виштасп матни А. («Апастак-у Занд») навишта шуда, як нусхааш дар Шиз (Ганҷи Шойгон – назди



Саҳифае аз дастнависи Авесто.

кӯли Урмия) ва дигараш дар Дижи нипишт (китобхона, маркази асноди давлатӣ)-и Истахр, нусхаҳои дигараш дар китобхонаҳову оташкадаҳои шаҳрҳои дигар ҷой дода шудаанд. Пас аз ҳуҷуми Искандар юнониён як нусхаи А.-ро сӯзонданд. Нусхаи дигарро ба кишвари худ бурда, ба забонашон тарҷума карданд. Шоҳи сулолаи Ашкониён Балош фармон дод, ки нусхаҳои боқимондаи А. ва он чизе, ки мубадон аз асар ба ёд доштанд, ҷамъ оварда шавад, то ин ки А. чун шакли собиқааш барқарор гардад. Дар замони Ардашери Бобакон матни А. бо сарварии мубади мубадон Тансар барқарор ва таҳрир карда шуд. Бо фармони писари Ардашер Шопур қисмҳои марбут ба илмҳои нуҷум, тиб, математика ва фалсафа, ки аз матни таҳрири Тансар берун монда буданд, ба А. дохил карда шуданд. Шопури писари Ҳурмузд бори дигар ба таҳриру такмили А. фармон дод ва ин корро *Озарбади Маҳраспандон* ба анҷом расонд. Дар замони Хусрави Парвиз матни А. боз ҳам таҳрир шуд ва ба забони паҳлавӣ тарҷумаву тафсир гардид, ки онро *Занд* мегуфтанд. Чунин маълумот дар осори дигари динии паҳлавӣ аз қабили «*Ардавирофнома*», «*Бундаҳиш*», «*Номаи Тансар*» ва ғ. омадааст. Таърихнависони арабзабон ва форсизабон (Табарӣ, Масъудӣ, Ибни Балхӣ ва диг.) низ дар осори худ ин гуна ҳикояти ривоятҳоро овардаанд. Мас., Ибни Балхӣ дар «Форснома» мегӯяд: «Чун Зардушт биёмад Виштасф ӯро ба ибтидо қабул накард ва баъд аз он ӯро қабул кард ва китоби Занд оварда буд, ҳама ҳикмат ва бар дувоздаҳ ҳаз. пӯсти гови даббоғишуда навишта буд ба зар. Ва Виштасф онро қабул кард. Ва ба Истахри Порс кӯҳест Кӯҳи Нифишт гӯянд, ҳама суратҳо ва кандакориҳо аз санги хоро кардаанд ва осори аҷиб андар он намуда ва ин китоби «Занду Позанд» ба он ҷо ниҳода буд».

А. мувофиқи маълумоти «Динкард» дар замони Сосониён 348 бобро дар бар мегирифт ва онҳо ба 21 наск (китоб) тақсим карда шуда буданд. Наскҳои 1 – «Судкор-наск» (накӯкорӣ), 10 – «Виштасп-засто-наск» (дар бораи шоҳ Гуштосп, қабул гардидани дини зардуштӣ ва мубориза ба муқобили Арҷосп), 12 – «Читрадад-наск» (ривояту устураҳо аз замони Каюмарс то Зардушт) аҳамияти адабию бадеӣ доранд. Дар наскҳои дигар аз масъалаҳои дини маздаясно, офариниши олам, дӯзаху



Саҳифае аз дастнависи Авесто

биҳишт, рӯзи растохез, Зардушт ва ҳаёти ӯ, нуҷум, тиб, ҳуқуқ ва ғ. сухан мерафт. Мувофиқи ҳисоботи олими англис Э. Вест А.-и замони Сосониён тақр. 350 000 калимаро дар бар мегирифтааст. Чунонки дида мешавад, аз он китоби калонҳаҷми А., ки дар а-ҳои 7 – 6 то м. навишта шуда буд, дар замони Сосониён хеле кам бокӣ монд. Ин қисмҳои боқимонда ба талаботи иҷрои маросимҳои динӣ мувофиқат мекарданд. А. дар даврai то м. эҳтимол ба хати оромӣ навишта шуда буд. Дар замони Сосониён хати махсусе дар асоси хати оромӣ барои сабти матнҳои А. ихтироъ гардид, ки дар он қариб тамоми овозҳои нутқ ифода меёбанд. Пас аз ҳуҷуми Хилофати Араб зардуштиён дучори таъқиб гардиданд ва китоби онҳо ҳам пароканда ва парешон шуд. Зардуштиёни Эрон аз таъқиби арабҳо гурехта ба Ҳиндустон рафтанд ва пас аз саргардониҳо дар штатҳои Бамбай (Мумбай) ва Гуҷарот сокин гардиданд. Зардуштиён, ки дар Ҳиндустон онҳоро порсҳо мегӯянд, ҳамроҳи худ А. ва диг. осори диниашонро оварданд. Дар байни онҳо ва зардуштиёни Эрон омӯзиши А. идома ёфт ва онҳо якчанд бор А.-ро нусхабардорӣ карда, аз насл ба насл гузаронданд. Қадимтарин нусхаи дастнависи А., ки то замони мо расидааст, ба с. 1278 тааллуқ дорад. А.-и то замони мо расида аз 5 қисм – *«Ясно», «Виспарад», «Вандидод», «Яштҳо», «Хурд-Авесто»* иборат аст. Ба ғайр аз ин, баъзе порчаҳои пароканда (мас., «Aogemaaeга», «Найрангистон», баъзе дуоҳо) низ вомехӯранд, ки ба забони авестоӣ навишта шуда, ба адабиёти авестоӣ мутааллиқанд. Мувофиқи ҳисоби Э. Вест маҷмӯи калимаҳои қисмҳои боқимондаи А. ба 83 ҳаз. мерасад. Аз ин қисмҳо «Вандидод» (шакли дурусташ «Видевдат») наски 19-уми А.-и замони Сосониён мебошад. Дар «Ясно» қадимтарин матни авестоӣ – «*Готҳо*» ҷой гирифтаанд, ки муаллифашон худи Зардушт аст. Се қисми А. – «Ясно», «Виспарад», «Вандидод» дар баъзе дастнависҳо баъзан чун қисмҳои алоҳидаи мустақил, дар бархе дастнависҳо ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Дастнависҳои нахустин дорои тарҷумаи паҳлавӣ мебошанд. Дастнависҳои гурӯҳи дуюм бе тарҷумаи паҳлавӣ буда, бобу фаслҳояшон ба тартиби гузориши маросими динӣ мутобиқ карда шудаанд. Ин гуна дастнависҳоро «Вандидоди сода» (яъне «Вандидоди соф», «Вандидод»-и бе тарҷумаву тафсир) мегӯянд. «Яштҳо», одатан, дар дохили «Хурд-Авесто» меоянд. Аксар матнҳои «Хурд-Авесто» тарҷумаву тафсири паҳлавӣ надоранд.

Мазмуну мундариҷаи А. хеле бой ва гуногунранг аст. А. энсиклопедияест, ки дар он зиндагӣ ва омолу кирдор, тарзи ҳаёти мардуми қадими эронинажод, донишҳои андӯхтаи онон дар соҳаҳои гуногуни илм – фалсафа, ҳуқуқ, тиб, ҷуғрофия, математика, нуҷум, таърих, забону адабиёт ва ғ. инъикос ёфтааст. Дар А. маълумоти муфидеро оид ба таърих, маданияти моддӣ ва маънавии аҳолии қадимии Осиёи Миёна ва кишварҳои диг., дар бораи дин, асотир, ҳамосаҳои қаҳрамонии онон ва ғ. дарёфтан мумкин аст. А. ғайр аз фармоиши маросими мазҳабӣ, унсурҳои ибтидоии илмӣ, тасаввуроти қонунгузорӣ, маҷмӯи дастурҳои ақидавӣ (динӣ ва фалсафии ибтидоӣ), ахлоқӣ ва эстетикиро низ дар бар гирифтааст. Маълумоти ҷуғрофӣ дар боби 1-уми «Вандидод» фароҳам омадаанд. Дар ин ҷо аз 16 кишвари офаридаи Аҳура Маздо, аз қабили Суғд, Марв, Бохтар (Балх), Нисая (миёни Балху Марв), Ҳирот ва ғ. сухан меравад. Фаргарди дуюм достонест дар бораи Йима (Ҷамшед), ки ба сабаби зиёд шудани мардумону чорпоёну кишвараш ва тангӣ кардани замин барои онҳо, марзу буми кишварашро бо ёрии чӯбдасти тиллоии худ васеъ мекунад. Ин боб инъикоскунандаи лаҳзаҳои таърихи қадимии мардуми ориёӣ, ҳаракати онҳо аз кишвари аслиашон ба тарафҳои ҷануб бо мақсади дарёфти чойҳои нави зисту рӯзгузаронии худашон ва дарёфти чарогоҳҳои нав барои чорпоёнашон мебошад. Дар А. масъалаҳои ҳуқуқ низ матраҳ гардидаанд. Дар фаргарди 4-уми «Вандидод» омадааст: «Касе, ки аз бозгардонидани супурдае ба дорандааш худдорӣ кунад, кирдораш ба-д-он монад, ки он супурдаро дуздида бошад…» Барои задани касе, агар вай беҳуш шавад, устухоне аз вай бишканад, хуни вай равон шавад, осеби сахте расонидан, шикастани аҳду паймон ва ғ. ҷазоҳои гуногун таъйин гардидаанд. Масоили экология (тоза нигоҳ доштани обҳо, замин), тиб, риояи гигиена, пешгирии касалиҳо, табобати бемориҳои гуногун, пизишк ва кору аъмоли ахлоқии ӯ, покии андешаву гуфтору кирдори ӯ дар «Вандидод»-и А. матраҳ гардидаанд. Аз ҷумла дар фаргарди 7-ум омадааст, ки пизишк пеш аз ҷарроҳӣ кардани инсон, бояд се бор ин гуна ҷарроҳиро дар тани ҷонварон биозмояд. Дар фаргарди 20-ум аз бемориҳои он давра, ки офаридаҳои Аҳриман буданд ва аз табиби нахустин Трита сухан меравад. Матни А. таҳаввули асарро, ки ба: а) зинаи аввали он – зардуштияи давраи пайдоиши «Готҳо» ва б) зинаи сонитари он – зардуштияи расмӣ («Хурд-Авесто») мувофиқат дорад, инъикос менамояд. Таркиби иҷтимоию ҳудудии аҳолии қадими Осиёи Миёнаю Эрон мувофиқи А., ба се гурӯҳи иҷтимоӣ – чорводору барзгарон, лашкариён ва рӯҳониён тақсим шудааст. Мундариҷаи асосии таблиғоти «Готҳо»-и А. аз даъват барои пурқувват кардани ҷамоаи чорводорону барзгарони муқимнишин, зарба задан бар ҳуҷумҳои бодиянишинон ва мутаносибан истеҳком додани ҳокимияти «арта ваҳишта» («беҳтарин тартибот»)-и рӯҳониёну пешвоёни ҳарбӣ – сипаҳсолорон иборат аст, ки ин ибтидои давлатдорӣ мебошад. Дар А., ки муҳимтарин сарчашма доир ба таърих ва низоми динии аҷдоди халқи тоҷик аст, унсурҳои фалсафӣ (диалектикаи сода, лаҳзаҳои реалистӣ – нишонаҳои назариёти материалистӣ ва ғ.) акс ёфтаанд. Ба ин унсурҳо тасаввуроти бадеию эстетикӣ ва ахлоқӣ вобастаанд.

Аҳамияти А. чун асари бадеӣ ва яке аз осори адабиёти қадими мардуми эронинажод, аз ҷумла ниёгони халқи тоҷик хеле калон аст. Ба воситаи А. асотир, ривоятҳо, қиссаву достонҳои қадим, намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқ ва ғ. то замони мо расидаанд. Қаҳрамонони асотирӣ, сужети достонҳо дар бораи онон аз қадимулайём дар байни халқ маълуму машҳур буданд ва аз

забон ба забон гузашта маҳфуз мондаанд. Аз асотиру достонҳои А. муаллифони осори адабиву таърихии асрҳои миёна истифода кардаанд. Прототипи аксар образҳои асотирии А. – Ҳаошйанҳа, Тахма Урупа, Йима Хшаета, Гайа Маретан, Траетаона, Ажи Даҳака ва ғ. дар қисми асотирии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба шакли Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Каюмарс, Фаридун, Заҳҳок ба назар мерасанд. Сужети баъзе порчаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо сужети асотиру ривоёти А. хеле наздиканд. Асотиру достонҳо, ривоятҳои А. дар осори санъати рассомӣ, пайкарасозӣ ва ғ. инъикос ёфтаанд. Дар А., махсусан дар қисми «Ясно» пораҳо ва ҷумлаҳои андарзӣ ба назар мерасанд. Боби якуми «Ясно» бо ҷумлаи «Роҳ якест (ва) он (роҳи) ростӣ, ҳамаи дигар (роҳҳо) бероҳа (аст)» ба охир расидааст. Дар ҷойҳои дигар омадааст: «Бехрӯзӣ касеро бод, ки аз ӯ ба ҳар касе беҳрӯзӣ расад», «Касе газандеро ангеза шавад, ҳамон газанд ба-д-ӯ расад». Дар боби 65 «Ясно» (бандҳои 7 – 8) обҳо ситоиш шудаанд:

Эй обҳои нек! Эй беҳтарин офаридагони Маздо!
Об аз они бадандеш мабод!
Об аз они бадгуфтор мабод!
Об аз они бадкирдор мабод!
Об аз они дуждин (бевиҷдон), дӯстозор, муғозор, ҳамсояозор ва хонаводаозор мабод!...

На танҳо дар мазмуну мундараҷаи А., балки дар шакли шеърии он, забон ва воситаҳои адабиаш унсурҳои офаридаи халқ, эҷодиёти даҳанакии ӯро дарёфтан мумкин аст. Аз шакли шеърӣ ва забони содаи халқ рӯҳониён барои бештар таъсир расондан ба мӯътақидони худ истифода кардаанд. Дар А. таваҷҷӯҳ ба сухан (гуфтор) ҳамчун қувваи асосии таъсирбахш (ғояи «Мантра спента» – «Сухани муқаддас») мавқеи муайян дорад. Сухан дар силсилаи сегонаи ахлоқи дини зардуштия: «пиндори нек, гуфтор (сухан)-и нек, кирдори нек» дар марказ қарор гирифтааст. Дар А. санъатҳои бадеии гуногун – ташбеҳ, такрор, истиора, сачъ, тародуф, танофури ҳуруф, суолу ҷавоб, таносуб ва ғ. бисёранд. Анафора (як навъи санъати такрор) яке аз маъмултарин санъатҳои бадеӣ дар А. мебошад. Хусусияти асосии поэтикаи А. истифода аз санъати тазод аст. Ин ҷиҳати А. аз таълимоти зардуштия, ки дуалистӣ буда, дар он муборизаи қувваҳои Неку Бад мавқеи муайян доранд, бармеояд. Хусусияти услубии ҷолиби диққати А. он аст, ки дар асар ду навъ лексика, яке барои ифодаи офаридаҳои қувваи нек ва дигаре барои махлуқоти бад истифода шудааст. Мас., калимаи «даст» нисбат ба офаридаи нек, «чангол» бошад ҳангоми аз махлуқоти бад ё дев сухан рафтан истеъмол мешавад. Қисмҳои асосии А. – «Готҳо» ва «Яштҳо» манзум буда, дорои вазни шеърӣ (ҳиҷоӣ) мебошанд. Аксар мисраъҳои «Яштҳо» аз 8 ҳиҷо иборатанд (баъзан 10 ё 12 ҳиҷо низ вомехӯранд). Дар қисмҳои дигари «А.» низ порчаҳои манзумро дарёфтан мумкин аст. Дар «Готҳо» ба ғайр аз вазни ҳиҷоӣ савт (тоника) низ вуҷуд дорад. Дар қисмҳои манзуми А. унсурҳои қофия низ ба назар мерасанд. Дар А. истилоҳоти махсус оид ба банду мисраъ ва калима мавҷуданд. Бобҳои «Ясно» «ҳаити» (ҳот), аз «Видевдат» «фрагард» (фаргард), «Яштҳо» «карда» ном доранд. Банд ба истилоҳи А. «вачасташтай» (аз ҷузъҳои вача – вожа, сухан, гуфтор ва таш – тарошидан, буридан; таш – асбоби чӯбтарошӣ аз ҳамин ҷост) мебошад. Як мисраъ дар А. «афсман» ном дорад. Маънии луғавии ин калима «андоза», «миқёс» аст ва дар забони паҳлавӣ ба шакли «патман» омадааст. Дар «Готҳо» «афсман» ба маънии «мавзун» (гуфтор, сухани мавзун) ба кор рафтааст. Зардушт дар як банди ҳоти 46 «Ясно» ба Аҳура Маздо мегӯяд: «…ман ба ту бо суханони мавзун муроҷиат менамоям, на бо суханони номавзун» («афсман… анафсман»). Як калима, ки аз маҷмӯи онҳо мисраъ ба вуҷуд меояд, «вачангҳа» – «вожа» ном дорад. Як ҳиҷо «пад» номида мешавад.

А. аз замонҳои қадим диққати муҳаққиқону донишмандони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ кашидааст ва олимони бисёре ба омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни он даст задаанд. Оид ба Зардушт, китоби муқаддаси зардуштия – А. ва мазмуну мундариҷаи он дар осори таърихнависони Юнону Рими Қадим ишораҳо мавҷуданд. Ин гуна ишоратҳо дар осори таърихиву динӣ ва адабии европоии асрҳои миёна низ ба назар мерасанд. Омӯзиши илмии А. дар Европа а. 18 оғоз ёфт. Нахустин маълумоти европоиён дар бораи порсҳои Ҳиндустон ва китоби муқаддаси онҳо ба а. 17 (китобҳои роҳиби англис Генри Лорд, ки сокини ш. Сурати Ҳиндустон буд ва сайёҳони франсавӣ Габриэл дю Шинон, Ж. Шарден ва диг.) дахл доранд. Дастнависҳои А. ба Китобхонаи коллеҷи Оксфорд оварда шуда буданд, вале ҳеҷ кас, ҳатто Томас Ҳайд, ки с. 1700 оид ба дини порсиён ва муғон дар асоси манбаъҳои ғарбӣ ва арабию форсӣ асар навишта буд, аз онҳо истифода накардааст. Соли 1723 олими англис Ҷорҷ Боучйе аз Ҳиндустон як дастнависи «Вандидоди сода»-ро оварда. Ба омӯзиши А. муҳаққиқи ҷавони франсавӣ Анкетил *Дюперрон* камар баст ва с. 1771 вай тарҷумаи франсавии А.-ро бо муқаддима ва ташреҳот ба табъ расонид. Дюперрон забони авестоиро назди дастурони порсӣ – пайравони зардуштия омӯхта буд ва дар тарҷумаи ӯ тарзи фаҳмиш, тафсиру ташреҳоти порсҳо таъсири зиёде гузошта буд. Мубоҳисаи илмӣ дар масъалаи мутобиқати тарҷумаи Дюперрон бо китоби асл ва якчанд масъалаҳои дигар мазмуну мундариҷаи давраи якуми омӯзиши А. (1771 – 1826)-ро ташкил доданд. Олимони англис Уилям Ҷонс, Ричардсон, Эрскайн ва немис Майнерсу Болен ба Анкетил Дюперрон зид баромада, ба асари қадимии эронӣ будани А. шубҳа изҳор намуданд. Ба ақидаи Ричардсон ва Майнерс А. гӯё баъд аз ҳуҷуми Хилофати Араб мураттаб шуда буд, чунки дар он гӯё калимаҳои арабӣ ба назар мерасидаанд. Ба тарафдории Дюперрон ва асолати А. чун ёдгории адабиёти қадими мардуми эронинажод мутарҷими асари Дюперрон ба забони немисӣ, проф. Донишгоҳи Рига Клойкер, сиккашинос Тихсен, олимон П. Бартоломе ва Родэ баромаданд. Баҳси ин ду гурӯҳи олимонро олими даниягӣ Р. К. Раск ҷамъбаст намуд. Вай ба Ҳиндустон рафта, аз он ҷо якчанд дастнависҳо оварда, забони санскрит ва авестоиро омӯхта, муносибати онҳоро таъйин намуд ва қадимияти А.-ро исбот кард. Бо вуҷуди баъзе камбудиҳо тарҷума аз тафсири Дюперрон дар кори шиносоии европоиён бо А. ва дини зардуштӣ нақши муайяне гузошт. Риттер, Гегел, Гёте ва диг. бузургони илму тамаддуни Европа аз рӯи тарҷума ва тафсири Дюперрон оид ба дину фалсафаи мардуми эронинажод изҳори ақида намудаанд.

Давраи дуюми омӯзиши А. (1833 – с-ҳои 80 а. 19) бо асарҳои олими франсавӣ Эжен Бюрнуф оғоз меёбад. Вай А.-ро дар муқоиса бо санскрит, бо истифода аз тарҷумаи А. ба санскрит, ки Нериосанг анҷом дода буд, меомӯхт. Аз боби якуми «Ясно» шурӯъ намуд ва баъдтар яке аз бобҳои муҳимми «Ясно» (боби нӯҳум)-ро бо матн, тарҷума ва тафсир нашр кард. Баъд аз вафоти Э. Бюрнуф наш-

ри интиқодии матни А. шурӯъ шуд. Солҳои 1852 – 54 олими англис Вестергорд матни А.-ро чоп кард. Олими немис Ф. Шпигел с-ҳои 1853 – 58 матни А.-ро бо тафсири паҳлавиаш ва с-ҳои 1852 – 63 тарҷумаи пурраашро ба забони немисӣ интишор дод. Дар ин давра олимони Авестошинос ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Гурӯҳи якум (Ф. Шпигел, Ф. Юсти, де Ҳарле, В. Гейгер ва диг. пайравони анъанаи порсҳо (зардуштиён) мӯътақид буданд, ки зардуштиён хонишу фаҳмиши А.-ро ба ҳамон асли қадим нигоҳ доштаанд. Муқобилони анъанаи зардуштия (гурӯҳи дуюми олимон – Бенфей, П. Рот ва диг.) ба дастурони зардуштӣ боварӣ надоштанд. Онҳо дар тафсири матни А. ба методи муқоисавии таърихии забоншиносӣ, инчунин ба муқоисаи А. бо осори адабиёти Ҳинди Қадим – Ведаҳо такя мекарданд. Ба гурӯҳи дуюм М. Ҳауг низ дохил буд, вале пас аз сафари Ҳиндустон ақидаҳояш каме тағйир ёфтанд. Ф. Виндишман тарафдори «мавқеи миёна» буд.

Х. Бартоломе, ки аз дастовардҳои ин ду равия истифода кардааст, асосгузори огози давраи сеюми омӯзиши А. (ох. а. 19 – ибт. а. 20) мебошад. Корҳои муҳими ин давра дар Авестошиносӣ таҳқиқоти М. Ҳауг, Вест ва Дармстетер ба шумор мераванд. Матни интиқодии А., ки К. Гелднер с-ҳои 1886 – 95 чоп кард, яке аз хидматҳои шоёни ин донишманд дар соҳаи Авестошиносӣ мебошад. Ба қалами ӯ инчунин таҳқиқоти муҳим оид ба вазни шеърии А., мақолаҳои умумии ҷамъбастӣ оид ба А. ва ғ. тааллуқ доранд. Дар силсилаи «Sacred Books of the East» («Китобҳои муқаддаси Шарқ», ки с-ҳои 1879 – 1904 дар Оксфорд чоп шуд), тарҷумаи пурраи англисии А. (ҷ-ҳои 4, 23, 31, мутарҷимон Дармстетер, Л. Миллс) ба табъ расид. Дар давраи сеюми омӯзиши А., ки то с-ҳои 30 а. 20 идома ёфтааст, оид ба ин асар асосан тарафдорони Х. Бартоломе ва тарафдорони Андреасу Вакернагел баҳс оростанд. Андреас масъалаи барқарор намудани сохти қадимии (архетип) А.-ро ба миён гузошт, чунки ба ақидаи ӯ матни имрӯзаи А. ба хате навишта шудааст, ки дар даврaҳои пасин ихтироъ гардидааст.

Аз с-ҳои 20 – 30 а. 20 даврaи чорум, даврaи ҳозираи омӯзиши А. шурӯъ шуд. Муҳаққиқони ғарбӣ – Ф. Алтҳейм, К. Барр, Е. Бенвенист, У. Бианки, Ҳ. В. Бейли, А. Вааг, Т. Виденгрен, С. Викандер, Л. Гаал, С. Ҳартман, Р. Гиршман, И. Гершевич, Ҳ. В. Ҳумбах, А. В. Ҷексон, Дюшен-Гийемен, А. Кристенсен, В. Ленс, Ҳ. Ломмел, Й. Маркварт, А. Мейе, Ф. Волф, Н. С. Нюберг, К. Рудолф, В. Ҳеннинг, Й. Ҳертел, Е. Ҳерсфелд, В. Ҳинс, С. Ҳуарт, Ҳ. Ф. Юнкер ва диг. оид ба масъалаҳои гуногуни марбути А. – чун асари адабии бадеӣ, асотир, таърихи Эрони Бостон, Зардушт ва таълимоти ӯ, матни А., алифбои А. ва ғ. таҳқиқот ба анҷом расонда-анд. Дар Копенгаген бо роҳбарии К. Барр с-ҳои 30 – 40 а. 20 қадимтарин дастнависҳои А. ба шакли факсимил ба табъ расонда шуданд. Дар омӯзиши А. ҳиссаи олимони порс – пайравони зардуштия дар Ҳиндустон хеле калон аст. Оилаи Анклесариаҳо (бобо, падар, писар), Ф. Боде, П. Санҷоно, Ҷ. Тавадиа, Н. Тарапореваллa ва диг. оид ба А. ва қисмҳои он таҳқиқоти пуразрзише анҷом додаанд; онҳо А.-ро ба забонҳои европоӣ ва ба забонҳои ҳиндӣ низ тарҷума кардаанд. Бо роҳбарии олимони порси Ҳиндустон муҳаққиқи эронӣ *Пури Довуд* ба омӯзиши А. шурӯъ кард ва баъдан дар ин соҳа яке аз мутахассисони шинохта гардид. Вай такр. тамоми А.-ро бо шарҳу тафсироти форвон ба забони форсӣ гардондааст. Дар Россия омӯзиши А. с-ҳои 60 а. 19 оғоз ёфтааст. Ба тарҷумаву таҳқиқи он К. Коссович, К. Залеман, К. Инострансев, В. Тураев, Ф. Розенберг ва диг. машғул шудаанд. Аз олимони шӯравӣ А. А. Фрейман, Е. Э. Бертелс, Б. Ғафуров, И. С. Брагинский, В. И. Абаев, С. Н. Соколов, В. Л. Лившис, Никитина В. Б. ва диг. дар бораи таърихи А., хусусиятҳои адабии он, забони авестоӣ ва ғ. таҳқиқоти арзандае анҷом додаанд. Дар кори тарҷумаи А. ба забони русӣ Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский ва И. М. Стеблин-Каменский ҳиссаи сазовор гузоштаанд. Умуман, дар муддати зиёда аз ду аср, ки омӯзиши А. идома дорад, он қадар таҳқиқоте ба анҷом расида интишор ёфтаанд, ки феҳристҳои ин пажӯҳишҳо китобҳои калонҳаҷмро дар 1 ва ё 2 ҷилд ташкил медиҳанд (Schlerath B. Awesta – Worterbuch. Voradeiten. BJ. 1 – 2, Wiesbaden, 1968; Nawabi Y. M. A bibliography of Iran. Vol 1, Tehran, 1969 ва г.).

Дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳи нисбатан бештар ба А. аз с-ҳои 80 а. 20 оғоз ёфта, пас аз истиқлолият боз ҳам равнақ ёфт. Дар матбуот мақолаҳо чоп мешуданд, конференсияҳои илмӣ баргузор мегардиданд. Яке аз конференсияҳо с. 1992 ташкил гардид. Соли



Меҳмонхонаи «Авесто»

2001 дар Тоҷикистон 2700-солагии А. таҷлил гардид ва ба ин муносибат симпозиуми байналмилалӣ барпо шуд. Ҳамин сол матни пурраи А. (тарҷумаи Ҷалили Дӯстхоҳ) ба алифбои ҳозираи тоҷикӣ (русиасос) баргардон шуда ба табъ расид. Бори нахуст муҳаққиқи тоҷик Б. Бобохонов баъзе яштҳо, «Готҳо» ва якчанд фаргарди «Вандидод»-ро ба тоҷикӣ тарҷума кард, ки с-ҳои 1985, 1986, 2000, 2001 дар саҳифаҳои матбуоти тоҷикӣ ба табъ расиданд.

Нашр: Avesta. Die heiligen Bucher der Parsen; herausgegeben von K. F. Geldner, Bd. 1 – 3, Stuttgart, 1886 – 1895.

Тарҷумаҳо: Avesta. Die heiligen Bucher der Parsen, ubersetzt auf der Grundlage von Chr. Bartholomaes Altiranishen Worterbuch von F. Wolf. Unveranderter Nachdruck, Berlin, 1924; Die Gathas des Avesta… uberzetzt von Chr. Bartholomae, Strasburg, 1905.

Ад.: Эмомалӣ Раҳмон, Нақши Авесто дар тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ, Д., 2001; ҳамон муалл, Тоҷикон дар оинаи таърих // Аз Ориён то Сомониён, кит. якум, Д., 2009; Диловаров М., «Авесто» ва баъзе хусусиятҳои адабии он, маҷ. «Мактаби советӣ», 1976, № 4; ҳамон муалл., Авесто – ганҷи шойгони эронитаборон, маҷ. «Фарҳанг», 2004, № 3 – 4; Фишурдаи суханрониҳо дар симпозиуми байналмилалии «Авесто ва тамаддуни ҷаҳонӣ», Д., 2001; Нахустқомуси миллат, Х., 2001; «Авесто» – китоби муқаддаси зардуштиён (Феҳристи адабиёт), Д., 2001; Нуров Н., Авесто ва мероси фарҳангии тоҷикон, Х., 2001; Струве В. В., Родина зороастризма, «Советское востоковедение», 1948; № 5; Бертельс Е. Э., Новые работы по изучению Авесты, «Уч. зап. ИВАН СССР», т. 3, М., 1951; ҳамон муалл., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Абаев В. И., Скифский быт и реформа Зороастра, Archiv Orientalni, Praha, XXIV, I, 1956; Брагинский И. С., Из истории таджикской народной поэзии. Элементы народно-поэтического творчества в памятниках древней и средневековой письменности, М., 1956; ҳамон муалл., Из истории персидской и таджикской литератур, М., 1972; ҳамон муалл., От Авесты до Айни, Д., 1981; Оранский И. М., Введение в иранскую филологию, М., 1960; Маковельский А. О., Авеста, Баку, 1963; Никитина В. Б., Древнеиранская литература, дар кит. Никитина В. Б. (ва диг.), Литература древнего Востока, М., 1972; Гафуров Б. Г., Таджики, М., 1972; Лелеков Л. А., Современное состояние и тенденции зарубежной авестологии, «Народы Азии и Африки», 1978, № 2; Gershevitch I, The avestan Hymn to Mithra, Cambridge, 1959; ҳамон муалл., Old Iranian Literature, «Handbuch der Orientalistik», I Abt., Bd. IV, 2, Literatur, Lief 1, Leiden-Köln, 1968; Taraporewala J., The Religion of Zaratushtra, Bombay, 1965; Schmit R., Dichtung und Dichtrsprache in indogermanisher Zeit, Wiesbaden, 1967; Boyce M., A History of Zoroastrism, vol. I,

Leiden – Koln, 1975; ҳамон муалл., Зороастрийцы. Верования и обычаи. М., 1987; Пури Довуд, Готҳо, Бамбай, 1305 ҳ. ш.; ҳамон муалл., Яштҳо, бахши нахуст ва дувум, Бамбай, 1305 – 1310 ҳ. ш.; ҳамон муалл., Хурд – Авесто, Бамбай, 1310 ҳ. ш.; Авесто. Номаи минавии оини Зардушт. Нигориши Ҷалили Дӯстхоҳ аз гузориши Пури Довуд, Т., 1342 ҳ. ш.

М. Диловаров.

«АВЕ́СТО», меҳмонхона дар Душанбе. Соли 1984 аз рӯи лоиҳаи Инти тадқиқотии илмии лоиҳакашии Тоҷикистон ҳамчун хобгоҳи Курсҳои ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони ҳизбӣ ва шӯравӣ бо номи «Октябр» (меъморон: В. Безлаковский, Л. Прякина, Л. Мареева муҳандис – конструкторон Ф. Афанасева, М. Гибадулина ва А. Смайлов) сохта шудааст. Бинои меҳмонхонаро гулгашти васеъ, ки маҷмааи кинову консертии «Кохи Ваҳдат»-ро низ фаро гирифта, ба шоҳроҳи шаҳр мебарояд, иҳота кардааст. Даромадгоҳи асосии меҳмонхона аз тарафи шимол воқеъ аст, ки гулгашти начандон васеъ дорад. «А.» бинои панҷошёна буда, аз хишти пухта сохта шудааст ва атрофаш бо панҷара маҳкам аст. Намои асосии «А.» ба тарафи хиёбони ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нигаронида шудааст, ки айвонҳои мудаввар дорад ва ошёнаи якумаш бо санги хорои қаҳваранг рӯйкаш шудааст. Меҳмонхона дорои тарабхона бо 150 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ ва ғ. мебошад. Қисми зисти «А.» аз 119 ҳуҷраи гуногунҳаҷм иборат аст, ки дар он тамоми унсурҳои шароитҳои меҳмонхонаҳои пойтахти муосир мавҷуданд. Микроиқлими ҳуҷраҳои зист ба тавассути кондитсионери марказӣ, ки дар таҳхонаи «А.» ҷойгир аст, нигоҳ дошта мешавад. Миёнасаройи асосӣ ва толорҳо бо сангҳои асили хокистарранги ҷилодор рӯйкаш шудаанд. Равшанӣ ба тамоми толорҳои панҷ ошёна паҳн мешавад ва ҳамчун меҳвари композитсионӣ ба назар мерасад. Витражи бисёрранга ба шакли расми калони росткунҷаи мунаққаш хеле муассир аст. Зимнан, витражҳои аз шишаҳои рангаи моеъ рехташуда ҳамаи толору миёнасаройро оро дода, композитсияи бисёрсужетаро ба вуҷуд овардаанд, ки дар манзараи якрангаи атроф хеле мақбул аст. Ғайр аз воситаҳои ороишии зикршуда овезаҳои барҷастаи аз гач сохташудаи сақф низ нақши бадеиву эстетикӣ доранд. «А.» на танҳо хоҷагии меҳмонхонадории ш. Душанберо пур мекунад, балки симои хиёбони асосии пойтахт – хиёбони ба номи Рӯдакиро низ зебу оро медиҳад.

«АВЕ́СТО», ҶММ, нашриёти хусусӣ. Соли 1992 дар ш. Истаравшан соҳибкор Ориёнфар Толиб Сангинзода таъсис дод. Аз с. 1994 дар ш. Душанбе ҷойгир аст. «А.» дар инъикоси мукаммал ва воқеии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон собитқадам ва аз пайи таблиғи сиёсати дохилию хориҷии ҶТ мебошад. «А.» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ адабиёти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, бадеӣ, таълимӣ ва илмӣ-оммавиро нашр мекунад. Китобҳои «Ман ба шумо сулҳ меоварам!», «Ҷиноятро решакан кунем», «Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост!»-и Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва як қатор китобҳои дигар: «Сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмонов», «Муносибатҳои дуҷонибаи байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тоҷикистон – шарики боэътимод дар муносибатҳои байналмилалӣ», «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити глобализатсия», «Сиёсати дарҳои боз», «Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе», «Келишув сари йул. Эмомали Раҳмон – инсон ва сиёсий арбоб» ва ғ., ки ба инъикоси сиёсати давлат бахшида шудаанд, дар нашриёти «А.» ба табъ расидаанд. Китобҳои таълимӣ ва илмӣ-оммавии «Дастур оид ба маърифати ҳуқуқии занон» (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ); «Дастури таълимии таҷрибаомӯзии сайёҳӣ», «Нишоне аз пайроҳаи умр» ва ғ. маҳсули «А.» мебошанд. Соли 2009 «А.» 10 номгӯй (бо теъдоди 10 ҳаз. нусха) китобу брошюра бароварда.

АВЗА́ЛӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Бохтариёни ноҳ. Бохтар. Аз А. то маркази ноҳия шаҳраки Сомонӣ 16 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 831 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ, боғчаи бачагон, чойхона ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АВЗА́Ҳ Мулло Абдуллоҳ (с. тав. номаълум – ваф. 1900, Бухоро), шоири тоҷик. Зодаи Янги Ҳисори Бухоро. Мувофиқи маълумоти тазкираҳои Афзал-махдуми Пирмастӣ, Мӯҳтарам, Возеҳ дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм намудааст. Пас аз хатми таҳсил дар Бухоро мударрисӣ кардааст. Ба шеъргӯӣ дар овони таҳсил шурӯъ карда, ба гуфтаи Мӯҳтарам «мазҳари афкори матин ва маъдани ашъори дилнишин» будааст. Дар баёзҳову тазкираҳо аз эҷодиёти А. қасидаҳо, ғазалҳо, рубоиҳо ва абёти пароканда сабт гардидаанд. Девонаш дастрас нашудааст. Мавзӯи ашъори боқимондаи А. баёни андешаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, танқиди нуқсонҳои замон, шикояту эътироз аз зулму ситами золимон, фақру бечорагӣ, хориву зиллати аҳли илму адаб ва ғ. мебошад. Забони ашъораш сода, фасеҳу равон аст.

Намунаҳо аз эҷодиёти А.:

Ё Раб, ту мутеи нокасу кас кардӣ,
Дар дидаи халқ камтар аз фас кардӣ.
Ҳаққо, ту Худои бандапарвар будӣ,
Моно, ки ту бандапарварӣ бас кардӣ!

***

Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,
Аз фоқаи фақр саргаронам кардӣ,
Афканда ба кунҷи узлат охир, к-имрӯз,
Мӯҳтоҷ ба як бурдаи нонам кардӣ.

Ад.: Шоирони Моваруннаҳр (аз Рӯдакӣ то Айнӣ), Д., 2006.

АВЗИКЕ́НГ (номи пештарааш Қаҳрамон), деҳа дар ҷамоати деҳоти Карамқули ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Ҳисор 6 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2888 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекон. А. 2 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Қаротоғ ва Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

АВЗИКЕ́НГИ БОЛО́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Карамқули ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Ҳисор 15 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 292 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ зироаткорист. Заминҳо аз д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

АВЗИКЕ́НТ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Авзикенти ноҳ. Мастчоҳ. Аз деҳа то маркази ноҳия – шаҳраки Бӯстон 6 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 322 нафар (2009), ӯзбекҳо. Бунгоҳи тиббӣ, мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва китобхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ сабзавоткорист. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АВЗО́И РӮҲӢ, ҳолати нисбатан суст ифодаёфтаи эмотсионалӣ, ки муддати муайяне шахсро фаро мегирад ва дар рафтору фаъолияти ӯ инъикос меёбад. А. р. ҳолати умумии эмотсионалии инсон (хурсандӣ, ғамангезӣ, болидатабъӣ, беҳолӣ ва ғ.) буда, ба дигар зуҳуроти психикӣ тобиши муайян мебахшад. А. р. бо шароиту лаҳзаҳои ҳаёти воқеӣ алоқаманд буда, метавонад нисбатан устувор бошад ва муносибати умумии инсонро ба ҳаёт тавсиф диҳад: ба як гурӯҳи



Авиакаши Энтерпрайз, ШМА.

одамон А. р.-и болида, зиндадилона хос аст, гурӯҳи дигар майл ба ғаму ғӯссахӯрӣ, дилтангӣ, маъюсию зиққӣ доранд. А. р. стеникӣ (фараҳбахш) ва астеникӣ (ғамангез) мешавад. А. р. туфайли шароитҳои ҳаётии инсон, барору нобарориҳои ӯ ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо, ҳодисаҳои воқеияти иҳотакарда ва дар баъзе вазъиятҳо дар натиҷаи ҳолати ҷисмонии инсон (тандурустӣ, хастагӣ, мондашавӣ ва ғ.) ба амал меояд. Устувории А. р. аз вазъиятҳои водоркунанда ва аҳамияти онҳо барои инсон вобаста аст. Сабабҳои А. р. баъзан фаҳмида намешаванд ва А. р. дар чунин ҳолатҳо гӯё бесабаб рух медода бошад, вале он аслан бо сабабҳои муайян рӯй медиҳад. Бо сабабҳои воқеӣ рӯй додани А. р. имконият ва зарурати худдорӣ ва идора кардани онро истисно намекунад. Маҳорати идора намудани А. р.-и худ барои шахсоне, ки ба тарбияву таълими насли наврас машғуланд, ниҳоят муҳим ва зарур аст. Худдорӣ карда натавонистан, одати мувофиқи А. р.-и бади худ бо атрофиён, хусусан кӯдакон муносибат кардан на танҳо ба равони (психика) осебпазири онҳо таъсир мерасонад, балки барои ӯ намунаи номатлуби рафтор шуда мемонад. А. р.-и болида ва фараҳнок метавонад ба қобилияти кории одам (мас., дар азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён), инчунин дар муносибати байниҳамдигарӣ бо атрофиён ва ғ. таъсири мусбат расонад. Зуҳуроти муносибати бодиққатона ба А. р.-и инсон, ба вуҷуд овардани шароитҳое (бо назардошти хусусиятҳои хоси инсон), ки ба А. р.-и гуворову хуш ва болида мусоидат мекунанд ва инчунин мубориза бо А. р.-и манфӣ ва баду ногувор лаҳзаҳои муҳимтарини тарбия мебошанд. Фаъолият ҳангоми А. р.-и фараҳбахш нисбат дар ҳолати хиратабъӣ қарор доштан самарабахштар аст. Калавиши бесабаби А. р. метавонад асоси патологӣ дошта бошад ва он аз чунин хусусиятҳои шахс, ба монанди изтиробнокии баланд, ноустуворӣ, хурӯшонтабъии инсон ва ғ. вобаста аст. *М. Давлатов.*

А́ВИАКАШ, авиабар, киштии ҷангии рӯйиобӣ – пойгоҳи авиатсионии шиновар, калонтарин киштии замони ҳозира, ки қобилияти баланди манёврӣ дорад. Воситаҳои зарбазани А. самолёту вертолётҳои дар саҳни киштӣ ҷойгирифта мебошанд, ки бо ракета, бомба ва торпедаҳои ядроию муқаррарӣ мусаллаҳанд. А. дастгоҳҳои ракетии зенитӣ ва артиллерӣ ҳам дорад. А.-ҳои замонавӣ зарбазани бисёрҳадафа ва зиддизаврақӣ мешаванд, ки муҳаррики муқаррарӣ ё атомӣ доранд. Онҳо барои зарба задан ба киштиву кемаҳои душман дар баҳр ва пойгоҳҳо, объектҳои соҳилӣ, қӯшунҳои хушкигард, самолётҳо, ёфта нобуд кардани заврақҳои зериобӣ дар баҳри кушод, дастгирии қувваҳои хушкигард, фуровардани десанти баҳрӣ, ба роҳ мондани мудофиаи зиддиҳавоӣ ва ғ. пешбинӣ шудаанд. Зарфияташон то 92 ҳаз. т, дарозии саҳн барои парвози самолётҳо – то 345 м, суръати ҳаракат – то 65 км дар як соат, дурии шино – то 12 ҳаз. мил (аз А.-и атомӣ номаҳдуд), иқтидори муҳаррик – то 200 ҳаз. кВт, ҳайат бо кормандони каштӣ – то 6 ҳаз. нафар. Дар саҳни А. то 90 самолётҳои гуногун ҷой мегиранд; дар он барои таъмини парвозу фурудоии самолётҳо хатҳои парвозу фурудоӣ, 2 – 4 дастгоҳи ба парвоз овардани самолётҳо, ангарҳо (ҷойи ист ва таъмири самолётҳо), самолётбардоракҳо, системаи бехатарии парвоз, таҷҳизоти киштиронӣ ва радиоэлектронӣ, воситаҳои алоқаю идора ва ғ. мавҷуданд. А.-ҳо дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) пайдо шуда, дар флотҳои ШМА, Британияи Кабир, Франсия, Япония васеъ истифода гардидаанд. Охири с-ҳои 70 а. 20 дар ҳайати Флоти ҳарбии баҳрии (ФҲБ) СССР крейсерҳои (киштиҳои тезгарди ҳарбӣ) вазнини авиабари навъи «Киев», с. 1991 дар ФҲБ Федератсияи Россия крейсерҳои «Адмирали Флоти Иттиҳоди Шӯравӣ Кузнетсов» дохил шуданд. Дар ибт. а. 21 А. асосан дар ШМА инкишоф ёфт. Дар ибт. а. 21 дар қуввахои мусаллаҳи мамлакатҳои хориҷӣ 27 А. вуҷуд дошт (ШМА – 15, Британияи Кабир – 3, Франсия ва Ҳиндустон – 2-тоӣ, Аргентина, Бразилия, Испания, Италия, Тайланд – 1-тоӣ).

АВИАМОДЕЛИ́ЗМ (аз авиа… ва модел), навъи эҷодиёти техникӣ, сохтану идора намудани аппаратҳои париши идорашаванда ё худ мустақил парвозкунанда ва нусхаҳои хурди (модел) парвознакунандаи онҳо бо мақсадҳои техникӣ ё варзишӣ. А.-и техникӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои муҳими таҷрибаҳои илмию техникии сохтани аппаратҳои париш ҳал гардад. А.-и варзишӣ як намуди техникии варзиш буда, иштирокчиёни он дар тарҳрезӣ ва сохтани нусхаҳои планерҳо, самолётҳо, вертолётҳо ва ғ., идора намудани онҳо бо суръати баланд, масофаи да-



Самолёти радиоидорашавандаи «Фламинго».

роз ва давомоти парвоз, инчунин дар санъати ҳавонавардии олӣ мусобиқа мекунанд. А. ҷавононро ба омӯзиши намудҳои гуногуни техника ҷалб намуда, донишашонро мукаммал, сатҳи омодагии онҳоро барои хизмат дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳ баланд мебардорад. Ҳоло дар ҷаҳон саноати А. хуб ба роҳ монда шуда, ширкатҳои махсус нусхаҳои бо радио идорашаванда, муҳаррикҳо, макетҳо, сӯзишворӣ, маводи сохтмонӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, маҷаллаҳои махсус ва ғ-ро ба фурӯш мебароранд. А. ҳамчун намуди варзиш дорои федератсияи байналхалқӣ (FAI) буда, мусобиқаҳои худро аз рӯи А.-и варзишӣ мегузаронад.

М. Холов.

«АВИАТО́Р», маҷмааи варзишии корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Точикистон». Соли 1985 дар ш. Душанбе ташкил шуд. Масоҳ. умумиаш 5, 6 га. Ду майдони алафпӯши (108 × 68 м ва 96 × 62 м) футбол, роҳи чорхатаи асфалту битумпӯш барои давидан (400 м), минтақа барои ҷаҳидан ба дарозӣ ва баландӣ дорад. Дорои 5 ҳаз. ҷойи нишаст ва инчунин 4 корти теннис бо 1,5 ҳаз. ҷойи нишаст, майдончаҳо барои волейбол ва баскетбол, 2 майдонча барои бозии городки бо 400 ҷойи нишаст, машқгоҳи тирандозӣ (6 самт, 25 ва 50 м), ки ба 300 нафар хизмат мерасонад, аст. Дар ҳудуди «А.» биноҳои маъмурӣ мавҷуданд, ки дар онҳо хонаҳои хизматӣ, ҳуҷраи духтур, ҳуҷраи дастурдиҳӣ, узели радио, ҳуҷраи истироҳат, ҳуҷраи методӣ, маркази барқароркунии саломатӣ бо ҳуҷраҳои варзиши шифоӣ ва масҳ, сауна, хонаҳо барои либоскашӣ ва нигоҳ доштани лавозимоти хоҷагӣ ҷойгиранд. Дар назди «А.» бахшҳои варзиши оммавӣ ва варзиши шифоӣ: гурӯҳҳои «Тандурустӣ», футбол, волейбол, баскетбол, тирандозӣ, теннис (майдонӣ, рӯйимизӣ), городки, варзиши сабук, клубҳои шашкаю шоҳмот ва варзиш амал мекунанд. Маҷмааи варзишӣ метавонад дар як рӯз ба 800 – 1000 нафар хизмат расонад.

АВИА́ТСИЯ (франс. aviation, аз лот. avis – паранда), назария ва амалияи парвоз дар атмосфера, номи умумии намудҳои фаъолияти ба он вобаста. Аз рӯи вазифа ду намуди А.: *авиатсияи граждани* ва *авиатсияи ҳарбӣ* мавҷуд аст. Инсоният аз қадим орзуи парвоз мекард, ки он дар афсонаву ривоятҳои қадимаи халқҳои ҷаҳон инъикос ёфтааст (дар Юнони Қадим – Дедал ва Икар; дар Ҳиндустони Қадим – Пушпака Вимана дар



Самолёти ихтироъкардаи бародарон Райт.

Рамаяна; дар Шарқ – гилеми парон ва ғ.). Ҳанӯз тақр. с. 400 то м. файласуф, математик, астроном ва арбоби давлатӣ Архити Тарентӣ аввалин аппарати паришро сохт, ки ба парандае монанд буд. Он «Кабӯтар» (Peristera) номида шуд ва то 200 м парвоз мекард. «Чароғи парон» (чароғ бо болопӯши коғазӣ) ё кураи ҳавоии бо ҳавои гарм пуркардашуда ҳанӯз дар а. 3 то м. дар Хитойи Қадим истифода мешуд. Соли 559 дар шоҳигарии Вэйи Шимолӣ (Хитой) аввалин одам дар бодпарак парвоз кард. Соли 852 дар хилофати Кордова (Испанияи Ҷанубӣ), дар замони ҳукмр. амир Абдурраҳмони II (аз Умавиҳо) олим ва ихтироъкори араб Аббос ибни Фарнас (Армен Фирман) матоъҳоро ба чорчӯба кашида, асбобе чун чатр сохт ва аз манораи Масҷиди Бузург ба поён парид. Ин сохти аввалин парашют маҳсуб мешавад. Пас аз 25 сол ибни Фарнаси 65-сола ин ихтирои худро такмил дода, аввалин далтеплани идорашавандаро сохт, ки бо он даҳ дақ. парвоз кард. Ин парвози ибни Фарнас рӯҳонии англис Эймлери Малмсбериро илҳом бахшид ва ӯ с. 1010 асбоби париши ба далтеплан шабеҳро сохт, ки то 200 м парвоз мекард. Пас аз панҷсад соли ин ҳодиса рассом, ҳайкалтарош, меъмор ва олими италиявии замони Эҳё – Леонардо да Винчи аввал нақшаи далтеплан ва с. 1496 худи онро сохт. Дар а. 17 (1630 – 32) олими турк Ҳазарфан Аҳмад Челебӣ дар асбоби худсохти қанотдор аз манораи Галатаи Истанбул (55 м) парвоз намуда, гулӯгоҳи Босфорро (3 км) убур кард. Соли 1633 бародари Ҳазарфан – Лоғарӣ Ҳасан Челебӣ дар ракетаи худсохти худ ба осмон парвоз кард, ки он ба намуди қафасаи махрутӣ сохта шуда, дар натиҷаи сӯзондани борут ҳаракат мекард. Парвоз 20 с давом карда, то баландии 300 м расид. Ин аввалин парвози идорашавандаи ракета ва аппарати муҳаррики сунъидошта буд. Пас аз сӯхтани борут Лоғарӣ бо қанотҳои пешакӣ ба танаи худ маҳкамкарда саломат ба замин фаромад. Соли 1670 Франческо де Лана-Тертси кори илмии худро чоп кард, ки дар он технологияи парвоз дар асбоби курашакли аз ҳаво сабук баррасӣ мешавад. Аввалин парвози маълуми одам с. 1783 дар Париж амалӣ шуд. Жан-Франсуа Пилатр де Розйе ва маркиз де Арландес дар кураи ҳавоии бародарон Монголфйе, ки бо ҳавои гарм пур карда шуда буду идора карда намешуд, ба масофаи 8 км париданд. Аввалин парвози идорашавандаро дар аппарати париши муҳаррикаш буғӣ (*дирижабл*) с. 1852 француз Жиффар ба масофаи 24 км ичро кард. Соли 1884 Шарл Ренар ва Артур Кребс парвози аввалинро дар дирижабли муҳаррикаш электрикӣ анҷом доданд. Дарозии дирижабл 52 м, ҳаҷмаш 1900 м^3 буда, дар 23 дақ. масофаи 8 км тай карда шуд. Соли 1884 ихтироъкори рус А. Ф. Можайский монопланн дорои ду муҳаррики буғӣ сохт ва онро санҷид. Аммо ҳангоми санҷиш аппарат ба садама дучор шуд. Кӯшишу ҷустуҷӯҳо нишон доданд, ки муҳаррикҳои буғӣ талаботи А.-ро қонеъ гардонда наметавонанд. 17 дек. 1903 бародарон Орвилл ва Уилбер Райт дар самолёти сохтаи худ муҳаррики дарунсӯзро истифода бурда, аввалин парвози тӯлонии идорашавандаи апаррати париши аз ҳаво вазнинро ичро карданд. Ин парвоз бомуваффақият анҷом ёфт. 25 июли 1909 конструктор-лётчики франсавӣ Л. Блерио бо сомолёти хеш аз гулӯгоҳи Ла-Манш парвоз карда гузашт. Дар Россия с-ҳои 1909 – 14 Я. М. Геккел, Д. П. Григорович, В. А. Слесарёв, И. И. Стеглау намудҳои гуногуни самолётҳоро сохтанд. Б. Н. Юрев с. 1910 лоиҳаи нахустин вертолётро дар Россия тартиб дод. Соли 1913 самолёти вазнини сохти И. И. Сикорский «Руский витяз» нахустин маротиба парвоз кард. Барои равнақ ривочи А. дар Россия лётчикҳо М. Н. Ефимов, Н. Е. Попов, Г. В. Алехнович, А. В. Шиуков, Б. И. Россинский,



Самолёти АНТ-25.

С. И. Уточкин ва диг. саҳми калон гузоштанд. 9 сент. 1913 лётчики рус П. Н. Нестеров дар самолёти «Ниюпор-4» «ҳалқаи ҳавоӣ»-ро ба ҷо оварда, ки «ҳалқаи ҳавоии Нестеров» ном гирифт. Дар пешрафти илми аэродинамика олими бузург, «падари авиатсияи рус» проф. Н. Е. *Жуковский* ва шогирди ӯ акад. С. А. Чаплигин саҳми бузург гузоштанд. Соли 1904 дар Кучино (назди Москва) бо ташаббус ва роҳбарии Жуковский Инти аэродинамика таъсис ёфт. Асарҳои Жуковский доир ба назарияи парвози самолёт, устуворӣ, идорашавӣ ва диг. проблемаҳои А. дар ҳамин ҷо таълиф шудаанд. Осори Жуковский ва диг. олимони русу хориҷӣ асоси илмии самолётсозиро ба вуҷуд оварданд. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) ба инкишофи А. такони амиқ бахшид. Дар давраи ҷанг сифатҳои парвозии самолётҳо хубтар гардид: суръати парвози самолётҳои қиркунанда аз 90 – 120 то 200 – 220 км/ соат, баландии парвоз аз 2 то 7 км, борбардории самолёт то 1500 кг расонда шуд. Мавқеи А. дар ин давра чун навъи мустақили қӯшун муайян гардид. Аввалин давлате, ки самолётро бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода кард, Булғория буд. Паз аз ҷанг истеҳсолоти самолётҳо зиёд гашта, дар сохтани онҳо дастовардҳои навини техника истифода шуданд. Солҳои баъдӣ (1918 – 39) дар таърихи самолётсозӣ чун «асри тиллоӣ» ном бурда мешавад. Соли 1918 Ин-ти аэрогидродинамикии марказӣ таъсис ёфт, ки дертар бузургтарин маркази илмии авиатсионӣ гардид. Соли 1919 техникуми авиатсионии Москва ташкил шуд, ки баъдтар (1922) ба Академияи ҳарбии ҳавопаймоии инженерии ба номи Н. Е. Жуковский табдил ёфт. Соли 1930 Ин-ти авиатсионии Москва таъсис дода шуд. Солҳои бистуми а. 20 бюроҳои лоиҳасозӣ бо сардории А. Н. Туполев, Н. Н. Поликарпов ва Д. П. Григорович ташкил ёфтанд. Бо самолётҳое, ки онҳо сохтаанд, лётчикҳои советӣ чандин парвозҳои дурмасофа, ба монанди Москва – Токио – Москва (1927), Москва – Ниюёрк (1929) ва ғ-ро ба ҷо оварданд. Соли 1929 Ҷимми Дулитл аввалин асбобҳои ҳавопаймоиро сохт. Соли 1930 дар Германия ва Англия коркарди муҳаррики реактивӣ оғоз ёфт. Тараққиёти минбаъдаи А. дар арафа ва солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба пайдоиши муҳаррикҳои авиатсионии ихтирои В. Я. Климов, А. Д. Швецов, А. А. Микулин ва диг. алоқаманд аст. Солҳои 30 а. 20 дар СССР саноати пуриқтидори авиатсионӣ ба вуҷуд омад. Ин-тҳои тадқиқотӣ ва бюроҳои лоиҳасозӣ беҳтарин нишондиҳандаҳои парвози самолётҳоро ба даст оварданд. Самолётҳои қиркунандаи Поликарпов И-15, И-16 (1933) ва И-153 (1938) бо суръати 450 – 525 км/ соат, бомбаандози фронтии Туполев СБ (борбардорӣ – 500 кг, суръат – 420 км/соат), бомбаандози дурпарвози Илюшин ДБ-3 (борбардорӣ – 500 кг, дурпарвозӣ – 4000 км, суръат – 450 км/соат) пай дар пай сохта шуданд. Соли 1934 бо самолётҳои АНТ-4, Р-5 ва ғ. экипажи киштии яхшикани «Челюскин» (104 кас) аз асорати яхҳои Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ наҷот дода шуд. Соли 1937 лётчикҳо В. П. Чкалов, Г. Ф. Байдуков ва штурман А. В. Беляков дар самолёти АНТ-25 бо хатсайри Москва – Қутби Шимолӣ – Ванкувер (ШМА) бенишаст парвоз карда, масофаи 8504 км-ро дар 63 соату 16 дақ. тай карданд. Ин ва диг. парвозҳо аз маҳорату ҷасорати лётчикҳо, муваффақиятҳои бузурги илмию техникии А., радиоалоқа ва метеорология шаҳодат медоданд. Огоҳи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) корҳоро оид ба беҳтар намудани самолётҳо ва истеҳсоли онҳо тезонид. Дар натиҷа самолётҳои типи нав (қиркунанда, бомбаандоз) пайдо шуданд, ки ба онҳо асбобу афзор ва аслиҳаи нав гузошта мешуданд. Аввалин самолёти реактивии дар ҷанг истифодашуда самолёти Heinkel He 178 (Германия) буд (1939). Нахустин ракетаи болдор (Фау-1), ракетаи баллистикӣ (Фау-2) ва ракетаи идорашаванда (Bachem Ba 349) низ дар Германия истеҳсол шуданд. Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бюроҳои лоиҳасозии С. В. Илюшин, С. А. Лавочкин, А. И. Микоян ва М. И. Гуревич, В. М. Петляков ва А. С. Яковлев қиркунандаҳои ЛаГГ-3, МиГ-3, Як-1, бомбаандозҳои Пе-2, Ил-4 ва навъи хоси самолёти ҳамлавари Ил-2-ро ба вуҷуд оварданд. Дар ин давра суръати самолётҳои қиркунанда ба 600 – 650 км/соат, баландпарвозиашон ба 11 – 12 км, суръати самолётҳои бомбаандоз ба 550 км/соат, дурпарвозиашон ба 3000 – 4000 км, имконияти борбардориашон ба 3 – 4 т расид. Самолётҳои советии давраи ҶБВ (Ла-5, Ла-7; Як-3, Як-9; Пе-2, Пе-8; Ил-2, Ил-4, Ту-2) бо сифатҳои аэродинамикӣ, вазн ва аслиҳаи худ назар ба самолётҳои немисӣ (МЕ-109, ВФ-190, Ю-87, Ю-88) афзалият доштанд. Дар охири ҷанг суръати баъзе самолётҳои муҳаррикашон поршенӣ ба 690 – 720 км/ соат расид. Истифодаи муҳаррики реактивӣ дар А. инқилоби илмию техникӣ ба вуҷуд овард. Дар коркарди муҳаррикҳои реактивӣ олимону конструкторони советӣ саҳми арзанда гузоштанд. Б. С. Стечкин назарияи муҳаррики реактивии ҳавоиро ба миён гузошт (1929). Ихтироъкори муҳаррикҳои турбореактивӣ дар СССР А. М. Люлка мебошад, ки с. 1937 ба ихтирои аввалин муҳаррики турбореактивии авиатсионии худ оғоз кард. Соли 1939 дар Германия муҳаррикҳои турбореактивӣ ва реактивии моеӣ (ширкатҳои БМВ, Юнкерс), дар Англия муҳаррики турбореактивии Ф. Уиттл ба вуҷуд омаданд. Дар СССР нахустин парвози реактивиро лётчик В. П. Фёдоров (фев. 1940) дар ракетоплани СК-9 (сохти С. П. Королёв) иҷро кард. 15 майи 1942 лётчик Г. Я. Бахчиванҷи ба парвози нахустини самолёти муҳаррикаш реактивии моеии БИ-1 (сохти В. Ф. Болховитинов) муваффақ шуд. Бо вуҷуди ин А. минбаъд бо истифодаи муҳаррикҳои турбореактивӣ пеш меравад. Парвози аввалин самолётҳои советӣ бо муҳаррикҳои турбореактивӣ – МиГ-9 ва Як-15 24 апр. 1946 ба вуқӯъ омад. Самолётҳои ин давр аз ҷиҳати схемаи аэродинамикӣ ва шакли худ аз самолётҳои муҳаррикашон поршенӣ тафовут надоштанд, фақат суръати онҳо 100 – 200 км/соат бештар буд. Афзоиш ва ба суръати садо наздик шудани суръати парвоз ба вуҷуд овардани шаклҳои нави самолётҳоро талаб мекард. Дар натиҷа болҳои тунуки пайконшакл пайдо шуданд. Солҳои 1947 – 48 самолётҳои реактивии пайконболи советии Ла-15 ва МиГ-15 ба вуҷуд омаданд, ки суръати онҳо то ба 1050 км/соат мерасид.

Пас аз ҶБВ самолётҳои зиёди ҷангӣ бекор монданд ва онҳоро каме дигаргун сохта дар тиҷорат истифода

мебурданд. Ин солҳо даврaи самолётҳои реактивӣ буд. Аввалин самолётҳои реактивии тиҷоратиро америкоиҳо (1949) ва британиягиҳо (1951) истифода карданд. 15 сент. 1956 ширкати авиатсионии советии «Аэрофлот» рейсҳои доимиро дар самолётҳои Ту-104 оғоз намуд. Пайдо шудани самолётҳои «Боинг-707» мусофиркашии оммавии тиҷоратиро дар авиатсия оғоз бахшид. Окт. 1947 пилоти америкоӣ Ч. Йегер дар самолёти муҳаррики реактивидошта (Bell X-1) суръати садоро гузашт. 26 дек. 1948 лётчик-озмоишгари советӣ

О. Соколовский бо самолёти реактивии Ла-176 дар СССР бори аввал аз суръати садо зудтар парвоз кард. Масофаи париши бенишасти самолётҳои реактивӣ низ зиёд шуд (с. 1948 ба ШМА; с. 1952 ба Австралия). Ривоҷи минбаъдаи аэродинамика, ба вуҷуд омадани муҳаррикҳои реактивии хеле пуриқтидор боиси аз суръати садо бештар шудани суръати парвоз гардид ва А.-и фавқуссадо ба миён омад. Ибтидои с-ҳои 50 а. 20 якумин самолёти фавқуссадои СССР – самолёти қиркунандаи яккасаи МиГ-19 сохта шуд, ки бо суръати 1450 км/соат парвоз кард. Дар ин давра сомолётҳои пайконболи советӣ – қиркунандаи дукасаи Як-25 ва бомбаандози дурпарвози Ту-16 низ сохта шуданд. Солҳои минбаъда А. дар асоси ҳалли масъалаҳои мураккаби афзоиши суръат, дурпарвозӣ ва баландпарвозии самолётҳо инкишоф ёфт. Дар ин солҳо намунаҳои навтарини техникаи ҳарбии авиатсионӣ: самолёти қиркунандаи фавқуссадои секунҷаболи МиГ-21, самолёти сервазифаи фавқуссадои Як-28, қиркунанда-бомбаандози Су-7, нахустин самолёти амудипар ва самолёти шакли қаноташ тағйирпазир сохта шуданд. Аз самолётҳои пас аз нимаи дуюми солҳои 60 а. 20 сохташуда дар ШМА – самолёти қиркунанда-бомбаандози «Фантом F-4», самолёти сервазифаи шакли қаноташ тағйирпазири F-III ва самолёти разведкачии SR-71; дар Франсия – самолёти қиркунандаи «Мираж-III» ва бомбаандози стратегии «Мираж-IV», дар Англия – самолёти амудипари «Харриер» ҷолиби диққатанд. Ох. с-ҳои 60 а. 20 дар А. суръати парвоз ба 3000 – 3500 км/соат, баландпарвозӣ то 30000 м, дурии парвоз ба 10000 км расид ва дар ҳолати парвози худ сӯзишворӣ гирифтани самолёт боиси дурпарвозии беҳудуд гардид. Дар солҳои «ҷанги сард» дар СССР самолётҳои бомбаандози дурпарвоз сохта шуданд, ки онҳо яроқи ядроиро ба Европа ва Америкаи Шимолӣ расонда



Самолёти Ил-14.



Самолёти Ил-18

метавонистанд. Давлатҳои Ғарб ба муқобили онҳо самолётҳои дастгиркунанда сохтанд (CF-105). Соли 1967 дар самолёти америкоӣ бо муҳаррики реактивӣ рекорди суръати самолёт гузошта шуд, ки он ба 7297 км/соат баробар буд. Ин рекорди суръат танҳо дар а. 21 (16 ноябри 2004) дигар шуд ва ба 12144 км/соат баробар аст. 21 июли 1969 астронавти америкоӣ Н. Армстронг дар киштии кайҳонии америкоии «Апполон-11» ба Моҳ парвоз намуда, ба сатҳи сайёра фуруд омад. Худи ҳамон сол самолёти калонфюзеляжи «Боинг-747» ба кашонидани мусофирон оғоз намуд. Соли 1975 ширкати «Аэрофлот» рейсҳои доимиро дар аввалин самолёти мусофиркаши фавқуссадо «Ту-144» оғоз бахшид. Пас аз як сол ширкати «Бритиш Эйрвайз» рейсҳои трансатлантикиро дар самолёти фавқуссадои «Конкорд» амалӣ гардонд. Дар ох. а. 20 тараққиёти А. суст шуда, соҳаи истеҳсоли асбобҳои авиатсионӣ – авионика рушд намуд. Дар авв. а. 21 сохтани аппаратҳои париши аз дур идорашаванда ё пурра автономӣ (худмухтор) оғоз ёфт. Апр. 2001 самолёти америкоии бесарнишини RQ-4 Global Hawk аз ШМА то Австралия беист ва бе пурракунии сӯзишворӣ парвоз кард. Окт. 2003 аввалин парвози автономии трансатлантикии самолёти бо компютер идорашаванда амалӣ гардид.Ниг. *Аппарати париш, Авиатсияи граждани, Авиатсияи кишоварзӣ, Авиатсияи санитарӣ, Авиатсияи ҳарбӣ.* *М. Холов.*

АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ, яке аз намудҳои *авиатсия*, ки барои қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва иҷрои вазифаҳои махсуси хоҷагии халқ таъйин шудааст. Барои ин мақсадҳо А. г. корҳои зеринро анҷом медиҳад: кашондани мусофирону бағоҷ, борҳо ва почта; иҷро намудани корҳои авиатсионӣ дар кишоварзӣ, сохтмон, соҳаи нефту газ, муҳофизати ҷангалзор, хизматрасонии экспедитсияҳо; расондани хизмати тиббӣ ба аҳолӣ ва гузарондани чорабиниҳои санитарӣ; гузарондани корҳои таҳқиқотии илмӣ ва таҷриба-



Самолёти Як-40

вӣ; гузарондани чорабиниҳои таълимӣ, маданӣ – маърифатӣ ва варзишӣ; гузарондани корҳои чустучӯӣ – наҷотдиҳӣ, садамавӣ – наҷотдиҳӣ ва расондани ёрии таъҷилӣ дар ҳолатҳои фавқулода. Навъҳои асосии А. г.: нақлиётӣ, санитарӣ, таълимию машқӣ, варзишӣ ва махсус (кишоварзӣ, разведкаи геологӣ, *аэрофотосуратгирӣ*, тадқиқоти илмӣ ва г.). А. г. дар аэродромҳои граждани ҷойгир шуда, дорои самолёту вертолёт, шабакаи роҳҳои ҳавоӣ, воситаҳои радиотехникӣ, метеорологӣ, техникаи рӯшноидиҳанда, аэропортҳо г. мебошад. А. г. асосан дар нимаи дуюми а. 20 инкишоф ёфт. Аз с. 1947 самолётҳои думуҳаррикаи сохти С. В. Илюшин – Ил-12 ва Ил-14 самолётҳои асосии А. г. гардиданд. Дере нагузашта ба ҷойи онҳо самолётҳои реактивии калонсуръату бисёрҷоя истифода шуданд. Ту-104, ки ду муҳаррики турбореактивии пуриқтидор дорад, якумин дар ҷаҳон самолёти мусофиркаши реактивӣ гардид (1956), ки дар роҳҳои ҳавоии байналхалқӣ ба парвози мунтазам оғоз намуд. Солҳои 1957 – 59 самолётҳои мусофиркаши турбовинтии Ил-18, Ту-114, инчунин самолётҳои сохти О. К. Антонов – Ан-10, Ан-24 сохта шуданд. Дар намоишгоҳи ҷаҳонии Брюссель (1958) Ту-104, Ил-18, Ан-10 ба гирифтани медали тилло, Ту-114 ба мукофоти олии «Гран-при» сазовор гаштанд. Самолётҳои мусофиркаши Ил-62, Ил-62 М, Ту-134, Ту-154, Як-40 самолётҳое мебошанд, ки муҳаррикҳои турбореактивии дуконтура доранд ва онҳо дар ақиби танаи самолёт ҷойгир шудаанд. Аз с-ҳои 50 а. 20 дар хоҷагии халқ вертолётҳои сохти М. Л. Мил ва Н. И. Камов (Ми-1, Ми-4, Ми-6, Ми-8, Ка-15, Ка-18, Ка-26 ва г.) васеъ истифода мешаванд. Аз самолётҳои таълимӣ ва машқию варзишӣ самолётҳои винту мотории Як-18 ва реактивии Як-30, Як-32 (сохти А. С. Яковлев) ҷолиби диққатанд. Соли 1965 калонтарин дар дунё самолёти нақлиётии Ан-22 «Антей» (сохти О. К. Антонов) сохта шуд, ки иқтидори 4 муҳаррики турбо-



Самолёти Боинг 757-200

винтии он тақр. 4416•10³ Вт (60000 қ. а.) мебошад. Вай 80 т бори муфид ё 720 мусофирро бо сурати 740 км/соат ба масофаи 5000 км бенишаст бурда метавонад. Дар солҳои баъдӣ ба ҷойи онҳо самолётҳои нави мусофиркаши Ил-86 (аэробус), Як-42, самолётҳои боркаши Ил-76 омаданд. Самолёти Ил-76 метавонад 40 т борро дар баландии 13000 м бо суръати 850 км/соат ба масофаи 5000 км расонад.

Аввалин хати парвози А. г.-и тоҷик Бухоро – Душанбе буда, парвози нахустин ба Душанбе 3 сент. 1924 дар самолёти Ю-13 таҳти идораи Р. Ахриев ва П. Комаров амалӣ шуд. Ба ВМКБ аввалин маротиба 21 окт. 1924 самолёти Ю-13 дар ҳайати Н. Баранов ва А. Велмер аз рӯи хатсайри Душанбе – Ғарм – Хоруғ парвоз кард, лекин парвозҳои мунтазам танҳо дар с. 1932 оғоз шуданд. Охири с. 1924 роҳи ҳавоии Душанбе – Тошкент ба кор сар кард. Аэропорти ш. Душанбе февр. 1930 сохта шуд. Пас аз як сол дар Кӯлоб, Ғарм, Панҷ ва Данғара низ аэропортҳо сохта шуда, аз пойтахт парвозҳои мунтазам иҷро мешуданд. Пеш аз ҶБВ пойтахти Тоҷикистон бо 25 ноҳияи ҷумҳурӣ ва ш-ҳои Тошканду Самарқанд бо роҳи ҳавоӣ пайваст буд. Солҳои ҶБВ авиаторҳои тоҷик зиёда аз 6000 т борҳои ҷангӣ ва хоҷагии халқ, 1000 т почта ва 50 ҳаз. мусофиронро кашонда, зиёда аз 1500 парвозҳои санитарӣ ва корҳои зиёди кишоварзиро ба анҷом расондаанд. Дар ин солҳои пурошӯб ба ҳафт дастпарвари Раёсати тоҷикистонии А. г. унвони Қарамони Иттифоқи Советӣ дода шудааст: Г. А. Таран, И. Е. Душкин (пас аз марг), Т. К. Гаврилов, И. С. Валухов, В. М. Обухов, М. В. Родних ва П. И. Тихонов. Пас аз ҶБВ авиаторҳои тоҷик ба хатҳои парвози умумииттифоқӣ баромаданд. Тобистони с. 1945 экипажи самолёти Ли-2 дар ҳайати С. Шувалов, А. Марушкин ва В. Родченко роҳи ҳавоии Душанбе – Москва ва ш-ҳои Боку, Минералные Воды, Адлерро кушоданд. 28 фев. 1960 аввалини самолёти турбовинтии Ил-18 дар аэропорти Душанбе нишаст ва 2 март аз Душанбе ба Москва парвоз намуд. Солҳои баъдӣ самолётҳои турбовинтии Ли-24 (1968) ва турбореактивии Як-40 (1969) ба истифода қабул шуданд. Дар шароити кӯҳистон истифодаи вертолётҳо афзалиятхои зиёд дошт ва аввалин вертолётҳои А. г. тоҷик Ми-4 (1964) ва Ми-8 (1970) буданд. Соли 1970 вертолётчиёни тоҷик ба пиряхи Федченко (дар баландии 4200 м) ва с. 1977 ба пуштакӯҳи қ. «Коммунизм» (ҳоло Исмоили Сомонӣ; 6100 м) фуруд омаданд. Соли 1974 нахустин самолёти Ту-134 дар аэропорти Хуҷанд ба кор сар кард. Соли 1978 нахустин самолёти Ту-154 дар аэропорти Душанбе фуруд омад.

Охири с-ҳои 60 а. 20 мамлакатҳои гуногун ба сохтани самолётҳои мусофиркаши дорои суръати фавқуссадо (2500 – 3000 км/соат) ва дурпарвоз (6000 – 8000 км) шурӯъ карданд. Соли 1968 нахустин дар ҷаҳон самолёти мусофиркаши фавқуссадои Ту-144 парвоз кард. Суръати парвози Ту-144 2300 км/соат, дурпарвозиаш бо 120 мусофир 6500 км мебошад.

Дар давраи истиқлолияти ҶТ ду ширкати ҳавоии А. г. амал мекунанд: «ТоҷикЭйр» ва «СомонЭйр». Аз с. 2007 самолётҳои хориҷии навъи «Боинг 737-200» ва «Боинг 757-200» истифода мешаванд, ки дар натиҷа шумораи мусофиркашонӣ афзуд. Ҳоло аз Душанбе самолётҳо Россия, Эрон, Хитой, Ҳиндустон, Туркия, Германия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон ва дигар давлатҳо парвоз мекунанд. Дар хатҳои парвози маҳаллӣ самолётҳои Ту-154, Ту-134, Як-40, Ан-24, Ан-26, Ан-28 ва вертолёти Ми-8 ба мизоҷон хизмат мерасонанд. Ниг. *Авиатсия, Вертолёт, Самолёт, Авиатсияи кишоварзӣ, Авиатсияи санитарӣ.*

М. Холов.

АВИА́ТСИЯИ КИШОВАРЗӢ, тайёра ва чархболҳои махсусеро гӯянд, ки барои иҷрои корҳои гуногун, мас., аз касалӣ ва ҳашароти зараррасон муҳофизат намудани растанӣ, нест кардани алафҳои бегона, аз дарахт ва буттаҳои номатлуб тоза кардани алафзору чарогоҳ, резондани барги пахта, кишти алаф, шолӣ, кашондани моҳичаву чӯҷаҳо, қисмҳои эҳтиётии мошинҳои кишоварзӣ, расондани ёрии тиббӣ ва ветеринарӣ, маҳв кардани ҳашароти касалиангез истифода мешаванд. Бо ин мақсад тайёраҳои Ан- 2, Ан-2М, Як-12 ва чархболҳои Ми-1НХ, К-15-ро кор мефармоянд. А. хусусан барои нест кардани ҳашароти зараррасон, касалиҳои киштзори пахта, ғалладона ва лаблабуи қанд аҳамияти калон дошта, самаранокии меҳнатро баланд мебардорад, ба баргу пояи растаниҳо осеб намерасонад, заминро сахт намекунад ва ҳангоми зарурат доруро ба қитъаҳои дигар мепошад. Ба тавассути А. к. (вобаста ба намуди ҳашарот, барангезандаи касалӣ, баландии растанӣ ва ғ.) ба ҳар га 5 – 500 л дору мепошанд. Ба ниҳолҳои нишебии кӯҳҳо аз чархбол дору пошида мешавад. Бо суръати паст парвоз кардани чархбол имкон медиҳад, ки дору ба зери буттаву дарахтон ҳам расад. Доруро, одатан, пагоҳии барвақт ва бегоҳирӯзӣ мепошанд. Бо мақсади нест кардани алафҳои бегонаи киштзори ғалла, ҷуворимакка, арзан, зағир ва ғ. аз тайёра маҳлули обӣ ё эмулсияи *гербисидҳо* пошида мешаванд. Барои нест кардани алафҳои бегона ба ҳар га киштзори ғалла ва ҷуворимакка 25 – 50 л, зағир 100 – 150 л дору сарф мегардад. Нуриҳои маъданиро асосан дар давраи нашви растанӣ тайёра ба сатҳи замин нисбатан зуд ва баробар мепошад. Ин имкон медиҳад, ки мӯҳлати нуриандозӣ хеле кӯтоҳ карда шавад. Нуриҳои хокаро аз баландии 10 – 20 ва нуриҳои ғурӯшаро аз баландии 30 – 50 м мепошанд. А. к.-ро барои гардолуд намудани растаниҳои гулдор низ истифода мебаранд. Бо ин мақсад чархболҳо пагоҳии барвақт аз болои киштзор ва боғҳо (дар баландии 5 – 10 м) бо суръати паст парвоз карда, бо шамоли худ растаниҳоро гардолуд мекунанд.


Самолёти кишоварзӣ ҳангоми кор.

Истифодаи А. к. дар Тоҷикистон с. 1933 сар шуда, худи ҳамон сол 25 адад тайёраи «АП» (навъи «ПО – 2») барои нест кардани малах истифода гардид. Соли 1934 барои тачриба дар хоҷагии «Якуми Май»-и ноҳ. Данғара ба тавассути тайёра гандум кишт карданд. Ба дефолиатсияи пахта ва пошидани нуриҳои минералӣ ба пахтазор ва диг. зироатҳо (бо ёрии тайёра) с. 1951 шурӯъ намуданд. Бо ин мақсад дар соҳаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ асосан тайёраи Ан-2 истифо-

да мешавад. Солҳои 80 а. 20 бо ёрии А. к. соле ба зиёда аз 600 ҳаз. га майдони киштзору кӯчатзор дору пошида мешуд. Феълан А. к.-ро кам кор мефармоянд. Мӯҳлати дорупошии А. к.-ро Стансияи ноҳиявии муҳофизати растанӣ муайян мекунад. Ҳангоми пошидани доруҳои хока суръати шамол бояд то 2 м/с ва ҳангоми пошидани доруҳои моеъ 4 м/с бошад. Истифодаи А. к. душвориҳо низ дорад; дар ҳавои номусоид (шамол, гармии зиёд, боришот ва ғ.) ва дар маҳалҳое, ки хати баландшиддати барқ мегузарад, корбасти А. к. имконнопазир аст. Корро тавре бояд ба роҳ монд, ки муҳити зист ифлос ва заҳролуд нашавад.

Ад.: Фалилиев М. Н., Умаров Х. У., 60 лет гражданской авиации в Таджикистане, Д., 1985.

АВИА́ТСИЯИ САНИТАРӢ, навъе аз ҳадамоти тиббист, ки ба аҳолӣ, хусусан ба сокинони мавзеъҳои дурдаст мадади фаврӣ (ҷарроҳии фаврӣ, кӯмаки акушерӣ ва ғ.) мерасонад. Ҷустуҷӯи осебдидагон, интиқоли таҷҳизоти тиббӣ ва духтурон ба объектҳои муайян низ аз вазифаҳои А. с. мебошад. А. с. дар Тоҷикистон аз янв. 1937 фаъолият дорад. Сараввал он дар ихтиёри Ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари Комиссариати халқии тандурустӣ буд. Аз с. 1963 бунгоҳи А. с. дар ихтиёри Маркази миллии тиббӣ (собиқ Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии № 3) фаъолият менамояд.

АВИА́ТСИЯИ ҲАРБӢ, ҳамаи навъҳои авиатсия, ки барои иҷрои вазифаҳои ҳарбӣ таъйин шудаанд. Соҳаҳои асосии А. ҳ.: Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ (ҚҲҲ), авиатсияи Флоти ҳарбии баҳрӣ (ФҲБ) ва авиатсияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ. Авиатсияи Флоти ҳарбии баҳрӣ яке аз навъҳои асосӣ ва (манёврноктарин)-и қувваҳои ФҲБ буда, барои иҷрои вазифаҳои ҷангӣ дар арсаи муҳорибаҳои баҳрӣ таъйин шудааст Вай вазифаи худро мустақилона ё якҷоя бо диг. қувваҳои флот, авиатсияи дурпарвоз ё фронтӣ ва авиатсияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ иҷро мекунад. Авиатсияи ФҲБ аз авиатсияи ракетаандоз, зиддизаврақ, разведкавӣ ва ғ. ташкил меёбад. Авиатсияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ яке аз навъҳои асосӣ ва манёврноктарини Қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоист Вай аз авиатсияи қиркунанда ва қисмҳои авиатсияи фарӯд иборат аст. Вазифаи авиатсияи қиркунанда (АҚ) мустақилона ё



Самолёти қиркунандаи F-117 «Стелс».



Самолёти қиркунандаи тактикии «Торнадо».



Самолёти қиркунанда-бомбаандози МиГ-29.



Самолёти қиркунандаи «Харриер».

якҷоя бо қувваю воситаҳои Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ ва авиатсияи қиркунандаи ҚҲҲ дар ҳаво нобуд кардани воситаҳои ҳуҷуми ҳавоӣ: самолётҳо, ракетаҳои қанотдор, аэростат ва ғ. мебошад. Муҳимтарин хусусиятҳои ҷангии АҚ: манёврнокӣ, аслиҳаи пуриқтидор, лаёқати ҳамеша ва дар ҳар шароити обу ҳаво, дар масофаи аз объекти мудофиа дур нобуд кардани нишонҳои ҳавоӣ. Тарзи асосии амали ҷангии АҚ пешгирӣ кардани нишонҳои ҳавоӣ мебошад. Дар мавридҳои алоҳида усули ҷустуҷӯ ва дарёфти нишон ҳам истифода мешавад. Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ навъи қувваҳои мусаллаҳанд, ки мавриди иҷрои вазифаҳои оперативию (фаврию) стратегӣ барои мустақилона ё якҷоя бо диг. навъҳои қувваҳои мусаллаҳ амал кардан таъйин шудаанд. ҚҲҲ барои зарба задан ба қӯшунҳои авиатсионӣ, ракетӣ, хушкигарду баҳрии душман, вайрон кардани муҳимтарин объектҳои ҳарбии ақибгоҳи он, ёрӣ расондан ба амалиёти қӯшунҳои хушкигард ва ФҲБ, разведкаи ҳавоӣ, кашондани десанти ҳавоӣ ва яроқу аслиҳаи он, таъминоти манёврии қӯшунҳо ва ғ. имконият доранд. Хусусиятҳои асосии ҚҲҲ чун намуди қувваҳои мусаллаҳ манёврнокии баланд, доираи васеи амалиёт, лаёқати фавран тағйир додани самт ва объекти зарба, имконияти зарбазании ногаҳонӣ ба ақибгоҳи дур, объектҳои хурду калони сокину мутаҳаррики душман мебошанд. ҚҲҲ Тоҷикистон аз авиатсияи ҷангӣ ва ҳарбии нақлиётӣ иборат буда, бо самолётҳои бомбаандози фронтӣ ва қиркунанда, самолётҳои ҳарбии нақлиётӣ ва вертолётҳо мусаллаҳ аст. ҚҲҲ давлатҳои пешрафтаи дунё (ШМА, Россия, Хитой, Франсия ва ғ.) аз авиатсияи стратегӣ, тактикӣ, ҳарбии нақлиётӣ ва авиатсияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ иборат мебошад. Ба ҚҲҲ ШМА иттиҳодияҳои ракетаҳои баллистикии байниқитъавӣ ва воситаҳои ҳарбии кайҳонӣ низ дохил мешаванд. Авиатсияи бомбаандоз ба объектҳои рӯйизаминӣ ё баҳрии душман бо бомбаю ракетаҳо зарба мезанад. Мувофиқи таъйинот ва сифатҳои парвозию тактикии самолётҳо авиатсияи бомбаандоз ба дурпарвоз (стратегӣ) ва фронтӣ ҷудо мешавад. Авиатсияи ҳарбии нақлиётӣ барои кашондани десанти ҳавоӣ, силоҳу муҳимот, сӯзишворӣ, озуқа ва диг. таҷҳизоти ҷангӣ, инчунин барои таъмини манёври қӯшунҳо хизмат мекунад. Самолётҳои ҳарбии нақлиётӣ қӯшун, техникаи вазнини ҷангӣ, аз ҷумла ракетаю танкҳо, дастгоҳҳои артиллерии худгард ва ғ.-ро ба масофаҳои дур кашонда метавонанд. Дар марҳилаи ҳозира мавқеи авиатсияи ҳарбии нақлиётӣ беш аз пеш афзуда истодааст. Бо аслиҳаи ядроӣ мусаллаҳ гардидани ҚҲҲ боиси тағйироти куллии шаклу усулҳои истифодаи ҷангии он гардид. Баробари ин такомули техникаи авиатсия ҳам идома меёбад. Дар авиатсияи қиркунанда самолётҳои фавқуссадо, ки бо ракетаҳои идорашаванда мусаллаҳанд, истифода мешаванд, авиатсияи дурпарвоз бо самолётҳои нави турбореактивӣ ва

турбовинтӣ таъмин гардидааст, имконияти ҷангии ҚҲҲ ва қудрати зарбаи онҳо ниҳоят баланд шуд. Солҳои охир дар қувваҳои муссалаҳи кишварҳои хориҷӣ намудҳои нави самолёту вертолёт мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз ҷумла дар ҚҲҲ Россия самолётҳои қиркунандаи МИГ-20 М, МГИ-33, МИ-2, бомбаандози дурпарвози ТУ-22 М 3, бомбаандози стратегии ТУ-160, дар авиатсияи ШМА самолётҳои қиркунандаи F-16 «Файтинг-Фалкон», «Стелс», «Фантом», А-50 «ABAKS», вертолётҳои «Саркбайт», НС-2 «Дрейкс-Дакс», дар Британияи Кабир самолётҳои қиркунандаи «Торнадо», «Харриер», дар Франсия самолёти қиркунандаи «Мираж-4000» рӯйи кор омадаанд.

АВИАУФӮҚ (аз авиа… ва уфуқ), авиагоризонт, асбоби гироскопӣ барои муайян намудани кунҷи тамоюл ва нишон додани алвонҷхӯрии аппаратҳои париш. А.-ро лётчик барои идора ва устувории аппарати париш истифода мекунад. А. дар идора намудани аппарати париш аз рӯи асбобҳо ва муайян намудани мавқеи он дар фазо аҳамияти калон дорад. Аз рӯи сохт А. мухтор (автономӣ) ва аз масофа идорашаванда мешаванд.

М. Холов.



Авиауфуқи АТР-74.

АВИ́ЖЮС Йонас (16. 5. 1922 – 7. 7. 1999), нависандаи литвагӣ. Дар асарҳояш аз пастиву баландиҳои зиндагии мардуми кишвараш баъд аз ҶБВ (1941 – 45) ҳикоя кардааст. Муаллифи китоби очеркҳои «Ҷӯякҳои нахустин» (1948), маҷмӯаҳои «Одамон ва ҳаводис» (1954), «Инсон инсон мемонад» (1960), романҳои «Кӯҳи шишагӣ» (1961), «Деҳа дар чорсӯ» (1964), «Бехонумон» (китобҳои 1 – 4, 1970 – 88; Мукофоти ленинӣ, 1976; тарҷумаи тоҷикии Ҷ. Азизқулов, 1987), «Рангҳои буқаламун» (1979), «Дягимай» (1981) ва ғ.

Ос.: Избранные произведения в 2-х тт., М., 1988.

АВИ́ЗО (итал. avviso), дар амалияи бонкӣ, тичоратӣ ва бозоргонӣ – ёддошт, огоҳномаи расмӣ оид ба интиқоли пул, мол ва ғ. барои амалиёти ҳисоббаробаркунӣ; пардохт кардан ё рад намудани пардохт. Бонкҳо ба тавассути А. муштариёни худро оид ба қарзи дебиторӣ, амалиёти дахлу харҷ дар ҳисобдорӣ, бақияи маблағ дар суратҳисобҳо, пардохти интиқолҳо, кушодани аккредитивҳо ва ғ. огоҳ мекунанд. А. дар шакли варақаҳои махсус, ки дар онҳо рақам, сана, намуди амалиёти гузаронидашуда, маблағ ва рақами суратҳисоб, ном ва суроғаи ташкилоти интиқолдиҳанда ва ғ. сабт гардидааст, тартиб дода мешавад. Нусхаи супоришномаи пардохт, хазинабарги ёддоштӣ ва диг. ҳуҷҷатҳои ҳисобдорӣ ба сифати А. хизмат карда метавонанд.

АВИТАМИНО́З (аз а… ва *витаминҳо*), бемориест, ки ба сабаби дар организм нарасидан ё набудани витаминҳо ба вуҷуд меояд. А. экзогенӣ ва эндогенӣ мешавад. А.-и экзогенӣ зимни истеъмоли хӯрокҳои беғизо ба вуҷуд меояд. Сабаби А.-и эндогенӣ асосан бемориҳои сироятӣ мебошанд, ки ҳазми витаминҳоро дар организм халалдор месозанд. Норасоии витамин хусусан ба занҳои ҳомила, кӯдакон ва ашхосе, ки ягон бемориро аз сар гузарондаанд, зиён дорад. А в и т а м и н о з и А бемории музмин буда, аз нарасидани витамини А дар организм ба вуҷуд меояд. Ҳангоми он мубодилаи моддаҳо вайрон, сабзиш ва муқобилати организм ба бемориҳои сироятӣ суст гашта, пардаи пилки чашм, луобпардаҳои аъзои ҳозима, роҳи нафас ва узвҳои ҷинсию шоша дурушт мешаванд. Дар мавриди авитаминози А одам шабкӯр шуда, аз чашм об, баъзан фасод меравад, милки дандонҳо варам мекунанд. Асабҳо ихтилол ёфта (ташаннуҷ, калавидан, фалаҷи ягон аъзо ва ғ.), дар рӯи забон ва ҳалқ ҳалолати зарди сафедтоб пайдо мешавад. А в и т а м и н о з и В натиҷаи нарасидан ё набудани витаминҳои гурӯҳи В (B_1, B_2, B_6, B_{12}, РР ва ғ.) буда, боиси ихтилоли мубодилаи моддаҳо, камхунӣ, осеб ёфтани пӯст, ихтилоли фаъолияти дилу асаб мегардад. Ҳангоми дар организм набудани витамини B_1 дар хуну бофта кислотаи пироангур ғун гашта, сабаби ихтилоли асаб (ташаннуҷ, фалаҷ ва ғ.) мегардад. Аз норасоии витамини B_2 (рибофлавин) дерматит, илтиҳоби рӯда, рӯшноитарсӣ ва аз норасоии витамини РР дарди никрис ба вуҷуд меояд. Набудани кислотаи фолиеат ва витамини B_{12} ба камхунӣ оварда мерасонад. А в и т а м и н о з и С натиҷаи норасоии витамини мазкур дар хӯрок ё ҳангоми амрози аъзои ҳозима дар организм бад ҳазм шудани ин витамин мебошад. Дар мавриди он бемор аз иштиҳо монда, милки дандонҳо варам мекунад, организм заиф мешавад, набз ва нафаскашӣ меафзояд. А в и т а м и н о з и D аксар аз норасоии витамини D ё провитаминҳои он рух медиҳад. Ҳангоми ин беморӣ дар организм таносуби мӯътадили калсий ва фосфор халал меёбад. Масъалаи пешгирии А. бо тарзҳои гуногун ҳал карда мешавад. Дар коллективҳои бачагона ба хӯрок (одатан ба шир)-и кӯдакони то 3-сола ретинол, кислотаи аскорбинат ва витамини D илова менамоянд. Истеъмоли ғизои ҳарҳела низ тадбири асосии пешгирии А. мебошад; инчунин риоя намудани қоидаҳои нигаҳдории озуқаворӣ ва пухтупази он низ муҳим аст. Витаминҳоро бо тавсияи духтур истифода бояд бурд. Бидуни таъйиноти духтур истеъмол намудани онҳо ба ҷойи фоида зарар меовард (ниг. *Гипервитаминозҳо*).

У. Расулов.

АВИТЕЛЛИНО́З (Avitellinosess), як гурӯҳ касалиҳои гелминтозии ҳайвоноти кавшакунандаи хонагӣ (асосан бузу гӯсфанд) ва ваҳшӣ. А.-ро тасмакирмҳои ҷинси Avitellina Gaugh ба вуҷуд меоранд. Асосан дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дучор меоянд. Ба А., одатан, баррахои то яксола гирифтор мешаванд. Дарозии ангезандаи А. (A. centripunctata) 3,5 м ва бараш 2,2 мм аст (дар сар чор узви маканда дорад); даврахои афзоиши он омӯхта нашудаанд. Аломатҳои А., одатан, якбора зоҳир мешаванд. А. асосан тирамоҳ ва баҳор авҷ мегирад. Чорвои касал нағз ҳаракат карда наметавонад, сарашро ба қафо хам карда, пойҳояш меларзанд, ранги луобпардаҳо парида, ҳайвон баъзан дарунрав мешавад. Баъди чанд соати касалӣ чорво мефавтад. А.-ро бо роҳи дар ахлоти ҳайвони касал пайдо кардани бандҳои авителлин ташхис мекунанд. Усулҳои муолиҷа ва пешгирии А. маълум нест. Дар хоҷагиҳое, ки барои парвариши чорво шароит номусоид аст, ба баррача ва баррахои яксола доруҳои киҷҷарон медиҳанд.

АВИТРО́Л, як навъ моддаи химиявӣ. Аз кристаллҳои сафед иборат аст. Ҳангоми бо амиди натрий то 110°С гарм кардани пиридин дар баробари 2 – аминопиридин бо миқдори хеле кам ҳосил мешавад. Онро аз пиридин – N – оксид низ ҳосил кардан мумкин аст. А.-ро дар шакли консентрати эмулсияи 25-фоиза ва хо-

каи намкаши 50-фоиза истеҳсол мекунанд. Барои рамондани парандаҳо бо хлорфенол ва диг. моддаҳои мувофиқ омехта карда ба зироат мепошанд.

АВИТСЕНИ́Т (аз Авитсена – номи дар Европа маъмули Абуалӣ ибни Сино), минерали нодири таллий (оксиди таллий). Формулаи химиявиаш Tl2O3 (Tl – 89,5%). Сингонияаш кубӣ (дидодекаэдрӣ). Кристаллҳояш майда. Ранги А. сиёҳи тобон, сиёҳи хокистарӣ, ношаффоф. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос – 1,5 – 2,5; зичиаш 8900 – 10340 кг/м3. А.-ро бори аввал с. 1958 геологҳо Е. А. Конкова ва В. Ф. Савелйев аз кӯҳҳои Зирабулоқи Ӯзбекистон дар қабатҳои лимониту карбонатӣ пайдо кардаанд.

«**АВИЦЕ́ННА**», ҷамъиятисаҳҳомии кушода дар ноҳ. Ҳисор. Моҳи майи 1997 таъсис ёфтааст. Фаъолияти корхона дар аввал танҳо ба истеҳсоли обҳои минералӣ ва нӯшокиҳои ташнашикан равона гашта буд. Он 6 намуд маҳсулот истеҳсол мекард ва 35 нафар коргар дошт. Феълан дар «А.» 16 намуд маҳсулот истеҳсол мекунанд: оби минералии «Шоҳамбарӣ», обҳои нӯшокии «Авиценна» ва «Кристалл», нӯшокиҳои ташнашикани «Буратино», «Олуча», «Тархун», «Кола», оби нӯшокии бегази «Авиценна», афшураҳои «Анор», «Смородина», «Шафтолу», «Мултифрут», шароби «Кристалл», «Столичный» ва ғ. Дар «А.» 182 нафар фаъолият доранд.

Ш. Тошева.

«**АВИЦЕ́ННА**», ҳафтавори хусусии тиббӣ. Нашрияи ҶММ «Чархи гардун» (муассис. А. Сатторов). Ба забони русӣ чоп мешавад. Нусхаи аввалаш 16 окт. 1998 дар ҳаҷми 8 саҳифа ба табъ расидааст. Ҳоло (2011) дар ҳаҷми 16 саҳифа ба таври ранга дар матбааи ҶММ «Чархи гардун» («Интишор») нашр мегардад. Дар он оид ба соҳаҳои тиб мақолаҳо дарҷ мешаванд. Ба хонандагон хоса гӯшаҳои «Навигариҳои ҷумҳурӣ», «Хабарҳо аз интернет», «Пурсишу посух», «Шарбатшифоӣ», «Дилдодагон», «Тест барои ошиқон», «Дарду дармон», «Розу ниёз», «Кадбону», «Тибби халқӣ», «Равоншиносӣ», «Толеъном» писанд мебошанд. Чанд саҳифаи ҳафтаворро «Сканворд»-ҳо ишғол кардаанд, ки барои тамрини ақлу зеҳн аҳамияти калон доранд. Дар саҳифаҳои охири рӯзнома оид ба кору фаъолияти табибон латифаҳои ширин, ҳамчунин эълону реклама ва барномаҳои телевизионӣ ҷоп дода шудаанд. Адади нашри ҳафтавор 6500 нусха (2010).

А. Тошев.

АВЛАКОГЕ́Н (аз юн. aulax – ҷӯяк ва genes – тавлидкунанда), фурӯҳамидагиҳои хандақмонанд дар платформаҳои қадим, ки барашон то даҳҳо ва дарозиашон то садҳо км мерасад. Таҳнишастҳое, ки А.-ро ташкил медиҳанд, аксар дар таркибашон ҷинсҳои вулқонӣ дошта, баъзан шаклашонро дигар кардаанд. А.-и сода (чуқур, борик ва фурӯҳамидагиҳои ба дарозӣ тӯлкашидаи бо тарқишҳои маҳдудшуда) ва мураккаб (аз фурӯҳамидагиҳои ҳам хандақмонанд ва ҳам теппачадор иборатанд)-ро фарқ мекунанд. А.-ҳои кӯндаланг метавонанд тамоми платформаро убур кунанд ва ё дар дохили он бо сохторҳои геосинклиналӣ пай дар пай ҷоӣ иваз карда, тадриҷан гум шаванд. Дар платформаи Европаи Шарқӣ системаҳои А.-и Припятску Днепровску Донеск, Крестсову Валдай ва ғ-ро фарқ мекунанд. Аксари А.-ҳо хеле қадимианд, баъзеашон дар давраи палеозой ба вуҷуд омада, рифтҳои муқаррариро мемонанд, ки дар давраи фаъолшавии тектоникии платформаҳо ташаккул ёфтаанд. Истилоҳи А.-ро олими рус Н. С. Шатский пешниҳод намудааст (1960).

АВЛИЁ (ар. ҷамъи валӣ – муқарраб, наздик), мувофиқи таълимоти ислом, касе, ки гӯё бо илҳоми илоҳӣ ё бо роҳи таҳзиби ахлоқ, риёзати нафс ва таҳсили илму маърифати илоҳӣ ба Худо наздик шудааст. Аз нуқтаи назари тасаввуф агар дигарон охиратро дар хоб бинанд, А. дар бедорӣ мебинад ва ба ҳаводиси олам таъсир расонда метавонад. А. гӯё бо илми ладунӣ (ғайбӣ), яъне бо илму дониши худодод аз асрори илоҳӣ огоҳ шуда, метавонад баъзе воқеот, фочиаву бадбахтиҳоро пешгӯӣ ва бартараф кунад. Ин ақидаҳо дар бораи А. ва каромот бофтаҳои авомфиребонаи ҳомиёни дини ислом аст. Дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор оид ба шарҳи аҳволи А. маълумоти фаровоне дода шудааст. Ниг. «*Тазкират-ул-авлиё*». *А. Муҳаммадхоҷаев.*

АВЛИЁҚУЛИБЕК (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Ҳисор дар даҳаи дуввуми а. 20. Дар бораи аҳвол, сиёсат ва тарзи ҳукуматдории А. иттилооти кофӣ нест. Дар ибт. аморати амир Олимхон А. вазифаи *парвонабегиро* бар ӯҳда дошт. Сипас с. 1911 А. беки Ҳисор таъйин шуд ва то с. 1915 ҳукмронии навоҳии Ҳисор, Қаротегин ва Бухорои Шарқиро бар ӯҳда дошт.

Л. Бойматов.

АВЛИЁПАРАСТӢ, яке аз унсурҳои дини ислом, ки тақрибан дар а-ҳои 8 – 9 пайдо шудааст. Дини ислом дар ибтидо ба муқобили ҳама гуна ширк буд, вале бо гузашти замон, дар натиҷаи инкишофи парастиши бузургони дин – пайғамбарон, халифаҳо (Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ) ва авлоди онҳо, А. равнақ ёфта, яке аз аҳкоми дин гардид. Минбаъд А. аз сабаби дар дохили дини ислом пайдо шудани равияҳои гуногуни динӣ, сиёсию фалсафӣ ривоҷ мегирад. А. одатҳои парастиши мазори авлиёҳо ва аз онҳо мадад ҷустанро ба вуҷуд овард. А. дар байни аҳли ислом ҳамчун ашхоси соҳибкаромат эътироф шуда буданд. Қариб аксарияти адабиёти ба таълимоти тасаввуф ва намояндагони алоҳидаи он бахшидашуда, каромоти авлиёҳоро қоил шуда ба ҳар кадоми онҳо ин ё он навъи каромотро нисбат медоданд. Аз ҷумлаи онҳо: аз дарёҳо хушк гузаштан, бо ишорае мақсади ҳайвонҳои даранда ва хазандаҳоро фаҳмидан, забони онҳоро дониста бо онҳо гап задан, аз балоҳои заминию осмонӣ мардумро наҷот додан, воқеаҳои ояндаро пешгӯӣ кардан душманонро дар майдони ҷанг мағлуб намудан ва ғ. мебошанд. Аз сабаби зӯҳду тақвопарастӣ, ақидаҳои сулҳу мусолиматомез, мадорокорӣ ва ба мардум наздик будан авлиёҳо дар назди на танҳо оммаи васеи халқ, балки ба ҳокимону шоҳони давру замон хеле маҳбуб ва соҳибиззат буданд.

Ад.: Муҳаммедходжаев. А. Идеология накшбандизма», Д., 1991; Муҳаммадхоҷаев А. «Нақшбандия ва Хоҷа Аҳрор», Д., 2007.

А. Муҳаммадхоҷаев.

АВЛИЁХО́НИ ӮРОТЕППАЙ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (а. 19). Зодгоҳаш Ӯротеппа. А. дар навиштани 7 навъи хат устоди беназир буд. Чунончи, ба муносибати китобати «Куллиёт»-и Бедил шоири маъруфи давр Нодими Истаравшанӣ чунин қитъаи таърих гуфтааст:

Авлиёхон соҳиби иззу шараф,
Ҷомеъулфазлу саодатинтибод.
Дар китобат ҳиммати олӣ намуд
Солу моҳу ҳафта, рӯзи беҳисоб…
Турфа девон аст аз Бедил тамом,
Нутқи мавзун, маънияш луб-ул-лубоб…

Ҳамчунин китобати достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Нозими Ҳиравӣ (1863, Бухоро, хати шикастаи хоно) низ ба қалами А. тааллуқ дорад. Ин китоб дар Шӯъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ таҳти рақами 1917 маҳфуз аст.

С. Султонов.

АВЛО́Д (ар. ҷамъи валад – писар), 1) Хешу табороне, ки аслашон аз як насаб аст. А. падарӣ ва модарӣ мешавад. Ба А.-и падарӣ амаку амакба-

ча, аммаю аммабача ва насли ояндаи онҳо, ба А.-и модарӣ тағою тағобача, холаю холабача ва насли ояндаи онҳо дохил мешаванд. 2) Ҷамоаи авлодӣ, гурӯҳи асосии ҷамъиятию иқтисодии сохти ҷамоаи ибтидоӣ, ки бо моликияти хусусии авлодӣ ба воситаҳои истеҳсолот, бо истеҳсол ва истеъмоли коллективона, бо урфу одат, дину оин ва хешу таборӣ муттаҳид шудаанд, Дар инкишофи таърихии ҷамоаи ибтидоӣ ду марҳалаи пайдарҳам – модаршоҳӣ ва падаршоҳӣ тай шудаанд. Аз сабаби дар дохили ин ҷамоа ба вуҷуд омадани тарзи нави истеҳсолот (ғуломдорӣ), пайдоиши моликияти хусусӣ ва муносибатҳои синфӣ сохти авлодӣ барҳам хӯрд. Боқимондаҳои сохти авлодӣ дар шаклҳои гуногун байни халқҳои Эрон, Ҳиндустон, Хитой то давраи капитализм, дар байни баъзе халқҳои Африка, Осиё, Океания қисман то рӯзҳои мо дида мешаванд. Осори муносибатҳои сохти авлодӣ дар байни халқҳои Кавказ, Сибир, Осиёи Миёна ба назар мерасад; дар сарзамини тоҷикон, хусусан дар байни косибону деҳқонони камзамин муносибатҳои авлодӣ вуҷуд дошт. Бо мурури замон муносибатҳои сохти авлодӣ аз байн рафтанд.

АВЛО́Д, категорияи таксономӣ дар ботаника ва зоология, ки намуди растанӣ ё ҳайвоноти аз ҷиҳати генетикӣ наздикро дар бар мегирад. Мас., ҳамаи намудҳои ҷав авлоди ҷав ва ҳамаи намудҳои суғур авлоди суғурро ташкил медиҳанд. Ҳар як А. бо як калима (ном), мас., А.-и гурба (Felis) нишон дода мешавад. А. метавонад як ё якчанд намудро дар бар гирад. А.-ҳои ба ҳамдигар наздик ба оила муттаҳид мешаванд. Номи илмии А.-ро бо як калимаи лотинӣ ишора мекунанд.Ниг. низ *Систематикаи ҳайвонот ва Систематикаи растанӣ*.

АВЛО́Н, навъе аз мавиз. А.-ро аз омехтаи навъҳои ангури донадор – Ҳусайнӣ, Чиллагӣ, Тагобӣ, Ангури Сиёҳ, Васарғаи Сиёҳ, Гарданкӯтоҳ, Ғайримуқаррарӣ ва ғ. тайёр мекунанд. Сифати А. паст буда, ба гурӯҳи мавизҳои ғайристандартӣ дохил мешавад. А.-ро бештар дар маҳали истеҳсол ва саноати спирткашӣ истифода мебаранд.

АВЛО́С, яке аз қадимтарии созҳои нафасии мусиқист, ки аз ду сурнайи андозаашон якхела (дар алоҳидагӣ аз қамиш забонча доштанд) иборат буда, дар натиҷаи бо лабҳо фишурдани қамишчаҳо ва дамидани ҳаво садои наҳифе мебароварад. Овози А. ба садои гобойи имрӯза шабоҳат дошт. Сурнайҳо (дарозиашон тақр. 25 – 30 см) аз чӯб сохта, аз як тараф бо ҳалқае ба ҳам пайваст карда мешуданд. Тарафи дигарашон аз ҳам ҷудо буд. А. ҳанӯз дар а-ҳои 10 – 5 то м. дар Юнони Қадим истифода мешуд. Аз рӯйи маълумоти муаллифони юнонӣ ватани асосии А. Осиёи Пеш буд, сипас ба диг. кишварҳо паҳн ва маъмул гардидааст. Мусиқишиноси немис К. Закс (1881 – 1959) нигоштааст: «Юнониён ба услуби шарқиён чунон менавохтанд, ки забонча (қамишча)-и ҷуфти А. озодона лаппиш хӯрда, лаб ба онҳо фишор намедод ва дар натиҷа аз онҳо садои ҷарангосии баробарқувва ҳосил мешуд». Юнониён А.-ро бештар бо ҳамовозии кифара (лира) менавохтанд. Дар асрҳои охири то м. ва авв. м. А. тадриҷан дар Шарқи Наздику Миёна маъмул шуд. Дар ноҳияи Форс ва Осиёи Марказӣ ба шакли сози базмӣ машҳур гардид. Абунасри Форобӣ низ доир ба А. маълумот додааст. Дар замони ӯ сози мусиқии дунай маъмул будааст, ки ду навъ доштааст; яке ба намуди ду сурнайи ба ҳам васлшудаи қисми поёнаш аз ҳам ҷудо (ҳар кадоме сӯрохи садобарор доштаанд) ва дигаре ба намуди ду найи ба ҳам мусовӣ. Агар аз рӯйи сохт ва намуд муқоиса кунем, намуди якум ба А. ва намуди дуюм ба қӯшнай (ҷуфтнай)-и имрӯза монанданд. А. дар нимаҳои дуюми асрҳои миёна аз байн рафт, ҷойи онро тадриҷан сурнай ва найи амудӣ гирифтанд.

Ад.: Визго Т. С., Музыкальние инструменты Средней Азии, М., 1980. *А. Зубайдов.*

АВОГА́ДРО (Amedeo Avogadro) Амедео (9. 8. 1776, Турин – 9. 7. 1856, ҳамон ҷо), физик ва химики италиявӣ, узви вобастаи АИ Турин (1819). Соли 1792 фак-ти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Туринро хатм намуда, аз с. 1800 мустақилона ба омӯхтани математика ва физика пардохт. Солҳои 1809 – 19 омӯзгори физика дар литсейи ш. Верчелли, 1820 – 22 ва 1834 – 50 проф. физикаи Донишгоҳи Турин. Корҳои илмиаш ба соҳаҳои гуногуни физика ва химия бахшида шудаанд. А. асосҳои назарияи молекулавиро бунёд гузошта, маводи таҷрибавиро вобаста ба таркиби модда ҷамъбаст намуд, хулосаҳои таҷрибавии ба ҳам зиди Ж. Гей-Люссак ва мазмуни асосии атомистикаи Ҷ. Далтонро дар як система муттаҳид сохт (1811). Соли 1811 қонунеро кашф кард, ки тибқи он дар ҳаҷмҳои якхелаи газҳо, ҳангоми доимӣ будани ҳарорат ва фишор, шумораи молекулаҳо якхелаанд (Қонуни Авогадро). Бо номи А. адади



Дарахти авокадо.

молекулаҳо дар воҳиди миқдори модда (мол) номида шудааст (N_A = 6, 022· ·10^{23} мол$^{-1}$). А. усули муайян кардани массаҳои молекулавиро пешниҳод намуда, бори аввал массаҳои атомии оксиген, нитроген, оксиди карбон, хлор ва диг. элементҳои химиявиро дуруст ҳисоб кард (1811 – 20), таркиби бисёре аз пайвастагиҳои ишқорӣ ва металлҳои ишқорзамин, метан, спирти этил ва этиленро нишон дод, якумин шуда ба монандии хусусиятҳои элементҳои химиявии гурӯҳи VA-и Системаи даврӣ (нитроген, фосфор, астат, сурма) аҳамият дод. Солҳои 1820 – 40 А. ба тадқиқоти илмии вобаста ба электрохимия, васеъшавии ҳароратии ҷисмҳо, гармиғунҷоиш ва ҳаҷмҳои атомҳо машғул буд. А. с.-ҳои 1837 – 41 китоби чорҷилдаи «Физикаи ҷисмҳои вазндошта, ё рисола оид ба сохтори умумии ҷисмҳо»-ро ба табъ расонд, ки дар онҳо аз он ҷумла масъалаҳои таносуби ҳаҷмҳо дар реаксияҳои химиявӣ ва вобастагии хосиятҳои кристаллҳо ба сохтору шакли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. *М. Холов.*

АВОКА́ДО (Persia americana), дарахти мевадиҳандаи ҳамешасабзест аз оилаи ғориҳо. 3 гурӯҳи ҷуғрофии А. мавҷуд аст: мексикой, вест-индиявӣ ва гватемалӣ. Ҳар яки онҳо хусусиятҳои махсуси инкишоф доранд. А. дар Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ тақр. 8000 сол то м. мерӯид. Олимон бар он ақидаанд, ки ҷангалҳои беканори А. дар қаламрави штати ҳозираи Калифорния ҷой гирифта буданд. Меваи А. хӯроки динозаврҳо маҳсуб мешуд. А. миёнаи а. 17 ба Ямайка оварда шуд. Дар а. 18 он ба диг. манотиқи тропикии Осиё паҳн гардид. Айни замон тақрибан 400 намуди он дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии ШМА, Бразилия, мамлакатҳои Африка, Исроил парвариш меёбад. А. дарахти зудсабз ва сершоху барг

буда, то 10 – 20 м қад мекашад. Баргаш байзашакл (дарозиаш 10 – 12 см); гулаш майдаи сабзранг, дучинса, дар бағали баргҳо ҷой гирифтааст. Меваш донакдор, мурӯдмонанд ё курашакл (дарозиаш 5 – 10 см, вазнаш 250 – 600 г); пӯсти меваш сахт, сабзи тира, баробари пухта расидан сиёҳранг мешавад; гӯшташ сабз ё зарди сабзтоб, равғанин. Дарахти А. гармидӯст буда, дар замини намнок хуб нашъунамо меёбад. Ба камобиву сардӣ тобовар нест. Гарчанде гулаш худ гардолуд шавад ҳам, баъди аз шукуфаи диг. навъҳо гардолуд шудан ҳосили хуб меорад. Аз ҳар бех дарахти он 150 – 200 кг ҳосил гирифтан мумкин аст. Аз тухм, қаламча ва пайванд афзоиш меёбад. Меваи А. серғизо буда, то 30% равған дорад. Дар таркиби 100 г меваи А. 1,6% –2,1% сафеда, 14,6 мг витамини К, 0,2 мг витамини B_6, 5,77 мг% витамини С, 437,27 мг калий, 45,19 мг намакҳои кислотаи фолеат мавҷуданд. Меваи А. ба хӯрокиҳои парҳезӣ мансуб аст. Инкишофи бемориҳои саратониро дар организми одам пешгирӣ мекунад; истеъмоли он барои ҷигар нофеъ мебошад. Дар таркиби барг ва донаки А. моддаи захрноке мавҷуд аст, ки боиси пайдоиши бемориҳои узвҳои ҳозима ва аллергия мегардад. Меваи А.-ро бештар дар таббохӣ истифода мебаранд. Равғани он давои хуби оростагӣ буда, пӯстро тозаю ботароват менамояд.

Ад.: Жуковский П. М., Культурные растения и их сородичи. Систематика, география, цитогенетика, иммунитет, экология, происхождения, использование, Л., 1971; Ботаника. Энциклопедия «Все растения мира» (тарҷ. аз англисӣ), М., 2006.

АВОРИ́З (ар. ҷамъи ориза, пешомад, он чӣ воқеъ мешавад), навъи андози (молиёт) ғайримуқаррариест, ки аксаран пеш аз ҷанг ё юришҳои подшоҳон, салотин ва амирон аз мардум зӯран ситонда мешуд. А. аз даврои хилофати Аббосиён (а. 8) ҷорӣ гардида буд. Минбаъд ин навъи андоз дар замони ҳукумати Сомониён, сипас дар аҳди салтанати Ғазнавиён, Хоразмшоҳиён ва Салҷуқиён дар Хуросону Мовароуннаҳр амал мекард. Дар даврои ҳукмронии амирони муғултабор А. боз ҳам шадидтар гардид, яъне бо ҳар баҳонаи дигар низ ғундошта мешуд, ки натиҷааш шиддат гирифтани ҷунбишҳову шӯришҳои мардумӣ ба муқобили муғулҳо (аз қабили шӯриши Маҳмуди Торобӣ, Сарбадорони Самарқанд ва амсоли инҳо) гардид. Ин буд, ки А. дар даврои минбаъда дар баробари диг. андозҳо яке аз сабабҳои асосии таназзули муносибатҳои пулӣ ва кишоварзӣ гардид. А.-ро ҳукуматҳои Шайбониён, Аштархониён ва Манғитҳо низ ҳамчун андози махсус нигоҳ доштаанд ва дар манбаъҳои таърихӣ бо номҳои А.-и ҳукмӣ, А.-и гумрукӣ, А.-и шаҳрдорӣ ва ғ. ҳам зикр шудааст.

«АВОРИ́Ф-УЛ-МАОРИ́Ф», асари Абулҳафси Суҳравардӣ оид ба тасаввуф. Аз 63 боб иборат буда, ба забони арабӣ таълиф шудааст. Масъалаи асосии «А.» ҳақиқати одобу орои суфия буда, дар он муаллиф таълимоти асосии тасаввуфро ҷамъбаст намудааст. Дар оғози асар Абулҳафси Суҳравардӣ манбаъҳои тасаввуф, бартарии маърифати ботиниро нисбат ба диг. намудҳои дониш баён карда, дар бобҳои 1 – 9 моҳияти тасфияи қалбӣ, маънои хирқа пӯшидан, дасти иродат гирифтан ва мақоми работу хонақоҳро дар ҷараёни сайру сулук таҳқиқ кардааст. Бобҳои 10 – 18 ба сафари солик, одоби суфия, тафовути байни мақомоту аҳвол оид буда, дар бобҳои минбаъда муаллиф рочеъ ба масъалаҳои рақсу самоъ, касрату ваҳдат, ахлоқи суфия, мукошафа ва муоина дар тасаввуф ва истилоҳоти асосии тасаввуф баҳс мекунад. Аз ҷиҳати мавзӯъ ба «Рисолаи қушайрия» монанд аст. Яке аз хусусиятҳои асосии «А.» дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф кӯшидааст фарқи байни тасаввуф, аҳли суннат ва суфитарошонро нишон диҳад ва одобу ахлоқи суфияро, ки зимни қарнҳо ташаккул ёфтаанд, баён намояд. Баробари дастраси умум шудани «А.» он ба форсӣ тарҷума шуд ва суфиён ба он шарҳу талхис ва таълиқи бисёре навиштанд. Қадимтарин тарҷумаи форсии он (1256) ба қалами шогирди Абулҳафси Суҳравардӣ – Исмоил ибни Абдулмӯъмин тааллуқ дорад. Баъди ӯ низ «А.» ба форсӣ борҳо тарҷума шудааст. Шарҳи форсиашро Фазлуллоҳи Абдурраҳмон анҷом додааст. Дар пайравии ин асар Маҳмуди Кошонӣ (ваф. 1334) «Мисбоҳ-ул-ҳидоя»-ро навишт. Аммоди Кирмонӣ «А.»-ро бо унвони «Тариқатнома» ба риштаи назм кашид. Қисме аз «А.»-ро тарҷумоне бо номи Кларс ба забони англисӣ тарҷума кардааст.

Ё. Одинаев.

АВРАНГЗЕ́Б, шоҳи Ҳинд, аз силсилаи *Темуриёни Ҳинд (ё Мугулҳои Бузург)*, номи аслиаш Муҳаммад, машҳур ба Оламгир (ҳукмр. 1658 – 1707). Писари севуми *Шоҳиҷаҳон,* падари шоира *Зебуннисо.* А. с-ҳои 1636 – 44 ва 1652 – 57 волии Дакан буд, пас аз муборизаи сесола (1658 – 60) алайҳи бародаронаш (Дорошукӯҳ, Шуҷоъ ва Мурод) соҳиби тахту тоҷи Ҳиндустон шуд. Падари худ Шоҳиҷаҳони солхӯрдаро маҷбур ба гӯшанишинӣ кард ва бародараш Муродро, ки аз муттаҳидонаш буд, дар қалъаи Гволиур аввал зиндонӣ кард ва сипас ба қатл расонд (1661). Бародари дигараш Шуҷоъ пас аз набарди Хоҷва (1661) низ ба қатл расид. Моҳи июни 1859 А. худро шоҳи Ҳиндустон эълон кард. Пас аз ду моҳ бародараш Дороро низ ба қатл расонд. Баъди қатли ҳарифони хеш, А. иқдом ба тасарруфи манотиқи шимолу шарқии Ҳинд кард ва қаламрави империяи Темуриёни Ҳиндро то ҳудуди Камрупа ва Читтагонг расонд. А. саъй кард то қабилаҳои афғонро зери тобеияти хеш дароварад, аммо талошҳояш барои истиқрор ва пойдории давлати хеш натиҷаи дилхоҳ надод. Дар Кобул, Пешовар ва диг. вилоятҳо шӯришҳои зидди А. сар заданд. Аз бузургтарин исёнҳои ин минтақаҳо шӯриши мардумӣ таҳти раҳбарии Хушҳолхон (1672 – 75) буд, ки бераҳмона саркӯб гардид. Дар с-ҳои 60 – 70 а. 17 шӯришҳои қавмҳои мухталиф – роҷпутҳо, моротҳо, ҷотҳо, сикҳҳо, бунделҳо ва ғ. саросари давлатдории Темуриёни Ҳиндро фаро гирифт. Дар аҳди А., ки нишонаҳои таназзули давлатдории Темуриёни Ҳинд ба таври возеҳ зуҳур кард, ҷангҳо алайҳи (роҷпутҳо, моротҳо, ҷотҳо, сикҳҳо, ва ғ.) барои хазинаи давлат маҳоричи сангинро ба бор овард. А. пас аз ақибнишинӣ дар ҷанги зидди моротҳо (с. 1707) бар асари беморӣ даргузашт. Ӯро тибқи васияташ мисли як дарвеш ба хок супурданд. А. мусулмони мутаасиб буд, чунончи, мамнӯи мусиқӣ ва рақс дар дарбор, берун рондани аҳли шеъру адаб аз дарбор ва ғ. аз нишонаҳои боризи таассуби динии ӯ буданд. Тавсеаи таассуби динии сиёсӣ дар миёни ҳиндувон ва ақвоми ғайри мусулмони Ҳинд аз муҳимтарин самтҳои сиёсаташ буд. Тибқи дастури ӯ ибодатгоҳҳо, муқаддасот ва биноҳои ҷамъиятии ҳиндувон ва дигар қавмҳои ғайри мусулмон тахриб ва молу мулкашон ғорат шуданд. Сиёсати молиётии А. низ эътирозҳои мардумро афзуд, ӯ молиёти изофӣ барои тоҷирони ҳинд вазъ ва пардохти *ҷизяро* аз нав муқаррар кард. Дар аҳди ӯ ҷойгоҳи ширкатҳои тиҷории давлатҳои Европа дар Ҳиндустон устувор гардид. Нахуст писаронаш зидди ӯ шӯриданд, Ҳинд пас

аз А. беш аз ним аср дар ҷангу ҷидол ғӯтавар гардид. *Л. Бойматов.*

АВРАНГӢ, А в р а н г и г, А в р а н г и ҳ, номи оҳанге аз оҳангҳои қадимаи мусиқии форс-тоҷик. Яке аз сӣ лаҳни *Борбад*.

АВРАНГОБО́Д, шаҳр дар штати Маҳараштраи Ҳиндустон. Масоҳ. 196 км². Аҳолиаш 1414918 нафар (2006). Маркази сайёҳӣ, илму маърифат ва саноат. А. с-ҳои 1604 – 10 дар ҷойи деҳаи Ҳоҷӣ Малик Амбар бунёд ёфтааст. То с. 1681 Фотеҳпур ном дошт. Соли 1681 шоҳ Аврангзеб онро пойтахти давлати худ интихоб намуд. Баъди вафоти ӯ шаҳр А. ном гирифт. А. маркази истеҳсоли матоъҳои пахтагин ва шоҳӣ буда, айни замон бо истеҳсоли рӯсариҳо (сари) машҳур аст. Дар А. ҳамчунин металлургияи сиёҳ, истеҳсоли маводи дорӯ ва нӯшокиҳо ба роҳ монда шудааст. Нақлиёти асосӣ – автобус ва авторикша. Шаҳр аэропорт (барои хатсайрҳои дохилӣ) ва роҳи оҳан дорад. Ёдгориҳои фарҳангию меъморӣ: Мақбараи Биби-Ка (оромгоҳи ҳамсари Аврангзеб), Мағораи Аврангобод, Дарвозаҳои Аврангобод (Бхадкал, Диллӣ, Рангин, Каткат, Рошон, Барапулла, Пайтхан, Кала) ва ғ.

АВРА́НҶ (Solanum nigrum), а н г у р и с а г а к, гиёҳест худрӯй. Пояш рост, сершох (15 – 100 см қад мекашад). Баргаш сегӯша (дарозиаш 3 – 7 см, бараш 2 – 4 см), сабзи баланд, сершира, одатан дандонадор, баъзан бедандона, нӯгтез. Гулаш сафеди 5-барга (дарозии гулбаргаш 6 – 7 мм). Моҳҳои июн – окт. гул карда, июл – окт. мева мебандад. Меваш лӯнда (диаметраш 6 – 10 мм), сиёҳ, сершира, сертухм; тухмаш майда, зард, гирда ё дарозрӯяи барҷаста (дарозиаш 1,75 – 2 мм); вазни 1000-тоаш тақр. 0,75 г (1 кг-и он тақр. аз 300 ҳаз. дона иборат аст), пурҷило. Як бех А. соле то 40 ҳаз. тухм мебандад. Дар Тоҷикистон А. асосан чун алафи бегона дар боғ, полиз, пахтазор, киштзори зироатҳои техникӣ ва ғалладона, инчунин дар соҳили рӯду дарёҳо ва ғ. (қ-кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Зарафшон, мавзеъҳои ҷан. Тоҷикистон, Помири Ғарбӣ, воҳаи д. Сир ва ғ.; дар баландии 400 – 2000 м аз с. б.) нумӯ меёбад. Махсусан ба кишти пахтазор, полиз ва картошка зарари калон мерасонад. Барои нест кардани А. заминро дуқатора шудгор, култиватсия ва киштгардон бояд кард. А. гиёҳи захрнок аст. Аз хошоке, ки баргу пояи он омехта шудааст, борҳо захролуд гаштани чорво (гов, гӯсфанд, хук) ва мурғонро



Авранҷ

мушоҳида кардаанд. Захрнокии А. ба шароити хоку иқлими маҳали рушд ва давраи сабзишу инкишофи растанӣ вобастагӣ дорад. Таъсири захрии меваи А. чандон маълум нест. Мас., ҳарчанд ба асп 500, 600, 1000 г (дар давоми 3 рӯз) ва ба гӯсфанд 450 г меваи хоми онро дода бошанд ҳам, ягон аломати захролудиро мушоҳида накардаанд. А. гиёҳи доруии қадимист. Дискуридус (Диоскорид, а 1 м.) хосияти шифоӣ ва хӯрданбобии онро қайд кардааст. А.-ро дар амалияи тиббии бисёр кишварҳои дунё (Англия, Франсия, Португалия, Туркия ва Венесуэла) истифода мебаранд. Табибони Ҳинд бо меваш вараҷа, дарди чашм, исҳол, бо шираи он иллати ҷигар, сил, исҳоли хунин (дизентерия) ва бавосирро табобат мекунанд. Дар фитотерапия (табобати наботӣ) асосан навдаи навраси А. (Herba solani nigri)-ро кор мефармоянд. Ҷӯшоби А. барои табобати саръ, дарди сар, ташаннучи масона, халаи меъда, дарди никрис, тарбод ва ғ. муфид аст: 1 қошуқча кӯфтаи баргу пояи А. (3 г)-ро дар 150 г об (10 дақ.) меҷӯшонанд ва ҳар рӯз (дар давоми 10 рӯз) 2-қошуқчагӣ менӯшанд. Бо ҷӯшобаш даҳонро (агар римхона пайдо шуда бошад) мечайқонанд. Барги тару тозаашро дар равғани растанӣ марҳам сохта, ба захми фасоднок мебанданд. Баргу пояи А.-ро дар об ҷӯшонда, думбалро тарбандӣ мекунанд. Табибони халқӣ бо меваи А. иллати ҷигар, зардачӯш, саромос, бавосир, амрози узвҳои ҳозима, обхӯра ва ғ.-ро муолиҷа менамоянд; гулашро балғамовар ва пешоброн меҳисобанд. Доруи аз А. тайёршуда ғалаёни хунро паст ва рагҳои хунгардро васеъ мекунад. Махсусан баргу поя ва меваи хоми А. захрноканд, аз ин рӯ бе назорати духтур истифода бурдани А. хавфнок аст. Меваи пухтагии А. безарар аст. Аз меваи тару тозааш мураббо, шарбат, повидло, қиём ва ғ. тайёр мекунанд. Пештар аз меваш ранг мегирифтанд. Меваи А. 10 – 18% қанд, то 5% оҳар (крахмал), 5,5% ҷавҳари лиму, 0,5% моддаҳои пектинӣ, то 353,2 мг% витамини С, баргаш 4,95% ҷавҳари лиму, 40 – 184 (аз рӯи маълумоти дигар 815,5) мг% витамини С, то 9 мг% каротин (провитамини А), 7 – 10% моддаҳои даббоғӣ, сапонинҳои стреоидӣ ва ғ. дорад. Дар баргу пояш 0,5% соласонин (мувофиқи маълумоти дигар соланин), соламаргин ва соламагрин ном алкалоидҳо мавҷуданд.

Ад.: Х о д ж и м а т о в М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

АВРАҲО́Н, м а с т а к (Lolium cuneatum), гиёҳест худрӯйи хӯшадор. Пояш рост (20 – 30 см қад мекашад). Баргаш сабз (бараш 5 – 6 мм), бепашмак; монанди барги гандум аз банд (буғум)-и поя месабзад. Хӯшааш дароз (10 – 30 см); хӯшачааш 3 – 9-гула (моҳҳои май – июн гул карда, дон мебандад). А. бештар дар чарогоҳи баҳоронаи доманакӯҳ, пиставу бодомзори табиӣ (600 – 1700 м баландтар аз с. б.), саҳро, замини обӣ ва лалмӣ мерӯяд. Алафи бегонаи ғаллазор (махсусан кишти гандум, ҷав, сулӣ, ҷавдор) аст. Хӯшаву дони А. аз занбӯруғча (Stromatinia temulenta) зарар мебинад; ин гуна хӯшаву дон захрнок мешавад. Гифҳои занбӯруғча дар зери пӯсти дон инкишоф ёфта, темулин ном моддаи захрнок ҳосил мекунанд (доне, ки занбӯруғча надорад, захрнок нест). Темулин асабияи марказиро фалаҷ, нафаскаширо номураттаб, ҳарорати баданро паст, мушакҳо ва қувваи босираро суст мекунад; чорвои аз А. захролудшуда дар натичаи қатъи нафасгирӣ ҳалок мегардад. Чорво (гов, гӯсфанд, асп), одатан, аз ему хошоке, ки бо хӯшаву дони занбӯруғдори А. омехта шудааст, захролуд мешавад. Орди гандуму ҷав ҳам аз дони иллатноки А. талх ва барои одаму ҳайвон захрнок мешавад; қай, исҳол, дарди шикам, ҳисси «мастӣ» («мастак» ном гирифтани А. низ аз ҳамин ҷост), садо додани гӯшҳо ва ғ. аломатҳои захролудианд. Муайян кардаанд, ки дони А. моддаҳои ҳаётан фаъоли биологӣ, аз ҷумла 0,2 – 0,5% алкалоидҳои гуногун (лолин, лолидин, лолинидин, лолинин, нормлолин ва ғ.) дорад. Баъзе хелҳои А.-ро чун растании хуби хӯроки чорво (мас., ҷавдарак) дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон кишт мекунанд.

Ад.: С и н к о в с к и й Л. П., С и д о р е н к о Г. Т., Основные ядовитые и вредные растения пастбищ и сенокосов Таджикистана, Д., 1968; Ю н у с о в С. Ю., Алкалоиды, Ташкент, 1981; Биологический энциклопедический словарь, М., 1986;

Ботаника. Энциклопедия «Все растения мира», М., 2006. *М. Ҳоҷиматов.*

АВРЕ́ЛИЙ МА́РК (Marcus Aurelius), Анний Вер Антонин (26. 4. 121 – 17. 3. 180), императори Рими Қадим (аз с. 161). Аз овони ҷавонӣ майл ба фалсафа дошт. Амакаш Антоний Пий (императори Рим аз с. 138) А.-ро с. 138 ба писархондӣ қабул кард ва аз с. 146 А. пайваста бо амакаш ҳукмронӣ менамуд. То с. 169 ҳамроҳи додарандараш Лутсий Вер ҳукмронӣ кардааст. Ҳукмронии вай охирин давраи осудаи сулолаи антониниҳо ба шумор меравад. Сиёсати дохилии А. бо ҳамфикрӣ бо сенат, намояндагони дастгоҳи давлатии империя фарқ мекард. Соли 162 исёне, ки дар Британия сар зад, пахш карда шуд, с-ҳои 162 – 166 дар натиҷаи ҷанг бо Парфия назорат аз болои Осроена ва Арманистон барқарор карда шуд. Мутаассифона, сипоҳиён ба Империя марази гузарандаи ваборо оварданд, ки то с. 189 идома ёфт. Қариб тамоми мӯҳлати ҳукмрониашро А. дар Дунай, ки ҷангҳои Маркоманӣ давом доштанд (166 – 180), гузарондааст. А. бо мушкилӣ ҳамлаҳои доимии сарматҳову маркоманҳо, квадҳову вандалҳоро рафъ намуда, с. 172 музаффарият ба даст оварда ва дар Рим сутуни 30-метраеро дар майдони ҳарб бино кард. Баъд аз аввалин музаффарият хост, ки дар гирду атрофи Дунай вилоятҳои нав ташкил кунад, аммо исёни дар Миср саршуда (175) [Авидия Кассия] халал расонд ва А. с. 178 аз нав ба тарафи Дунай, ш. Виндобон (ҳозира Вена) раҳсипор шуд. Он ҷо зидди германиягиҳо ҷангид ва баъдтар аз бемории вабо фавтид. Асари фалсафии «Дар танҳоӣ бо худ»-и А. дар рӯҳияи истодагарӣ ва мутеъ шудан ба тақдир навишта шудааст.

АВРО́РА (Aurora), дар асотири Рими Қадим олиҳаи шафақи субҳ, ки ба худоҳову одамон нур ва равшании субҳи сафоро меоварад. Дар асотири Юнони Қадим ба олиҳа Эос муродиф аст. Дар шакли ҷавонзани болдор тасвир шудааст, ки савори аробаи дучархаи аспонаш дурахшон аз укёнус мебарояд. Дар тавсифоти манзум А. муродифи шафақи субҳ (сапедадам) аст.

«АВРО́РА», киштии зиреҳпӯши (крейсери) ҳарбии флоти Балтика, ки бо иштирокаш дар Револютсияи Октябр машҳур гардид. Соли 1903 сохта шудааст. Дар ҷанги Россияву Япония (1904 – 05), дар муҳорибаҳои с-ҳои 1914 – 18-и Ҷанги якуми ҷаҳонӣ иштирок карда, пас аз он дар Петроград дар таъмир буд. Дар давраи Револютсияи феврал (28. 2. 1917) маллоҳони шӯришбардоштаи киштӣ ба тарафи болшевикон гузаштанд. Шаби 25. 10. 1917 садои тӯпи «А» барои ҳуҷум ба Қасри Зимистонӣ ишора дода, барои ба маркази шаҳр дохил шудани Гвардияи Сурх роҳ кушод. Десанти «А» дар шӯриши яроқноки Октябр фаъолона иштирок кард. Солҳои 1941 – 45 чун казармаи рӯиобии маллоҳон истифода шуда буд. Аз 17 ноябри 1948 дар дарёи Нева наздики ш. Санкт-Петербург чун ёдгории Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр нигоҳ дошта мешавад. Аз с. 1957 «А» филиали Музейи марказии флоти ҳарбӣ гардид. Солҳои 1984 – 87 бо мақсади барқарор намудани намуди зоҳирии А. киштӣ тармими таҷдидӣ карда шуд. «А» дар айни ҳол киштии таълимии Омӯзишгоҳи ҳарбии ба номи Нахимови Санкт-Петербург мебошад. Дар музейи «А» сӯзание, ки дар он акси В. И. Ленин тасвир ёфтааст (амали З. Баҳриддинова) ҳамчун тӯҳфаи халқи тоҷик то ҳол маҳфуз аст.

«АВРО́РА», навъи боимҷон. Дар Ин-ти тадқиқоти илмии сабзавоткорӣ ва картошкапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯёнда шудааст (Б. В. Ермакова). Навъи миёнарас, давраи нашваш 122 – 137 рӯз. Буттааш то 60 – 75 см қад мекашад. Баргаш сабз, ҳаҷман миёна, гулаш бунафш; самараш устувонашакл (дарозиаш 14 – 24 см, ғафсиаш 5,7 – 7 см), вазнаш андаряк 230 – 245 г. Аз ҳар га 574 сентнер ҳосил гирифтан мумкин аст. «А»-ро дар ноҳияҳои вил. Суғд ва Хатлон парвариш мекунанд. *Н. Камолов.*

АВСА́Т, вазни оҳанг дар «Дувоздаҳмақом». Гӯшаҳои мусиқии «Ҳиҷози Бузург» ва «Найрези Кабир», шӯъбаи «Нуҳуфт»-и мақоми «Бузург» бо ин вазн иҷро мешаванд. Ин силсилаи оҳангҳо ба овозаи «Шаҳноз» дохиланд. Мувофиқи нишондоди рисолаи мусиқии «Баҳҷат-ур-рӯҳ» А. вазни 7-зарбӣ буда, аз 5 зарби сангин (яъне «бам») ва 2 зарби сабук (зер) иборат аст. Атонинаш: тан тано дар тан тан. *И. Раҳимов.*


АВСТО́Н (юн. Austanes, Австан, с. тав. номаълум – қатлаш 329 то м.), яке аз сипаҳсолорони бохтарӣ, ки роҳбарии муборизаи мардумиро ба муқобили ҳамлаи сипоҳиёни Искандари Мақдунӣ ба ӯҳда дошт. Квинт Курсий – таърихнигори Юнони Қадим, шоҳиди воқеоти ҷангҳои Искандар – А.-ро дар радифи ёрони Спитамен ва Катон борҳо ёд кардааст. Тобистони с. 327 дар Парайтакен (ба эҳтимоли қавӣ Қаротегин ё Хутталон бояд бошад) шӯриши навбатӣ ба зидди Искандар таҳти роҳбарии Катон ва А. авҷ гирифта буд; Искандар алайҳи онҳо сипаҳсолори ботаҷриба ва ниҳоят бераҳми худ Кратерро фиристод. Ниҳоят Катон дар корзор кушта шуд ва А. асир афтода бо фармони Искандар ба қатл расид.

АВСТРА́ЛИЯ (Australia, лот. australis – ҷанубӣ), қитъа дар Нимкураи ҷанубӣ (хурдтарин дар кураи Замин). Аз Шим. ба Ҷ. 3200 км (аз 10° 41′ а. ҷ., димоғаи Ёрк то 39° 11′ а. ҷ., димоғаи Ҷануби Шарқӣ) ва аз Ғ. ба Ш. ба масофаи 4100 км (аз 113° 05′ т. ш., димоғаи Стип-Пойнт то 153° 34′ т. ш., димоғаи Байрон) тӯл кашидааст. А.-ро аз Ғ. ва Ҷ. Уқёнуси Ҳинд, аз Шим. ва Ш. б-ҳои Уқёнуси Ором – Тимор, Арафур, Марҷон, Тасман иҳота кардаанд. Масоҳ. А. 7631,5 ҳаз. км^2 (бо ҷаз-ҳои Тасмания, Кенгуру, Мелвилл ва г. 7704,5 ҳаз. км^2). Соҳилҳояш чандон ҳам качу килеб нест; дар Шим. халиҷи Карпентария, дар Ҷ. хал. Калони Австралия воқеанд. Нимҷаз. калонтаринаш Кейп-Ёрк. Қад-қади соҳили шимолу шарқии А. бузургтарин дар ҷаҳон Рифи Калони Масдуд 2300 км тӯл кашидааст, ки он силсилаи ҷаз-ҳои марҷонӣ мебошад. Ҳанӯз Птолемей (а. 2) тахмин карда буд, ки дар Нимкураи ҷанубӣ қитъае ҳаст ва онро Сарзамини Ҷанубии Номаълум номид.

А.-ро сайёҳи голландӣ В. Янсзон кашф намудааст (1606). А-ҳои 17 – 18 соҳилҳои А.-ро бахрнавардони голландию англис Л. Торрес, А. Тасман, Ҷ. Кук ва диг. тадқиқ кардаанд (маконҳои кашфкардаашон мавсум ба номашон аст).

Релйеф. Қисми зиёди сатҳи А. ҳамвор, 95%-и он аз с. б. то 600 м баланд аст. Аз ҷиҳати баландии миёна аз с. б. (215 м) А. қитъаи пасттарини олам мебошад. А. ба се қисми калони орографӣ тақсим мешавад: 1) паҳнкӯҳи Австралияи Ғарбӣ (баландии миёнааш 400 – 500 м), ки бо кӯҳҳои баланд иҳота шудааст: аз Ш. – қ-кӯҳҳои Масгрейв (кӯҳи Вудрофф, 1515 м) ва Макдонелл (кӯҳи Зил, 1510 м), аз Шим. – массиви Кимберли (баландиаш то 938 м), аз Ғ. – қ-кӯҳи Хамерсли (кӯҳи Брус, 1226 м), аз ҷанубу ғарбӣ– қ-кӯҳи Дарлинг (кӯҳи Кук, баландиаш то 582 м); 2) пастии Марказӣ, дар ин ҷо бештар ҳамвориҳои аккумулятивии баландиашон аз с. б. то 100 м вуҷуд доранд. Мавзеи кӯли Эйр (аз с. б. 16 м паст) нуқтаи пасттарини А. ҳисоб меёбад. Дар самти ҷанубу

АВСТРАЛИЯ


АВСТРАЛИЯ
ОКЕАНИЯ
Карпентария
Тимор
Арафура
Бахри
Коралловое
Тасманово
Индийский
Тихий
Австралийский
Большой Артезианский
Большой Песчаный
Большой Водораздельный
Большой Барьерный риф
Тропик Рака
Тропик Козерога
Сидней
Мельбурн
Канберра
Аделаида
Брисбен
Перт
Дарвин
Хобарт
Окленд
Веллингтон
Крайстчерч
Данидин
Инверкаргилл
Нью-Плимут
Хастингс
Палмерстон-Норт
Нельсон
Блафф
Гисборн
Тимару
Оамару
Квинстаун
Фьордленд
Гора Кука
Гора Тасман
Гора Аспиринг
Гора Сефтон
Гора Хаастс
Гора Иден
Гора Рувензори
Гора Ливингстон
Гора Ливингстон
Гора Ливингстон



Сидней. Театри опера.

ғарбӣ қ-кӯҳи Флиндерс ва Маунт-Лофти воқеъ аст; 3) қ-кӯҳи Бахшгоҳи Калон (кӯҳҳои Австралияи Шарқӣ, системаи кӯҳии калонтарини А.) – кӯҳҳои нисбатан баланди тағояшон ҳамвор. Нишебиҳои шарқиашон ростфаромада, ғарбиашон ҳамвори зиназина буда, ба теппазори наздикӯҳӣ – даунсҳо табдил меёбанд. Дар Ҷ., дар Алпҳои Австралия, нуқтаи баландтарини А. – кӯҳи Костсюшко (2230 м) воқеъ аст. Релйефи ҳозираи А. асосан дар давраи токембрий шакл гирифта, пас чандон дучори табаддулоти тектоникӣ нашудааст. Минбаъд дар натиҷаи вайрон шудани кӯҳҳо ва аз ҷинсҳои таҳшин пур гаштани ҷойҳои фурӯхамидаи материк мунчакӯҳҳо боқӣ монда, ҳамвориҳои васеъ ба вуҷуд омадаанд. Ба ҷойи кӯҳҳои чиндори вайроншудаи палеозой қ-кӯҳи Бахшгоҳи Калон пайдо шуд. Дар ҳамвории Налларбор, кӯҳҳои Кабуд, Алпҳои Австралӣ ва паҳнкӯҳҳои Баркли релйефи карстӣ вомехӯрад. Кӯҳҳои вулқонӣ дар қисми шарқии қитъа воқеанд.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминӣ. Қисмҳои ғарбӣ ва марказии А.-ро платформаи давраи токембрий фаро гирифтааст, ки ҷинсҳои кристаллӣ ва метаморфии он дар Ғ. намудор буда, дар Ш. бо таҳнишастҳои кӯлу баҳрҳои эраҳои мезозою кайнозой пӯшидаанд. Канори шарқии А. аз минтақаи чиндори геосинклиналӣ иборат аст. Платформаи Австралия дар давраи токембрий аз материкҳои диг. чудо буд, дар эраҳои мезозой ва кайнозой бо ҷаз-ҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ, Гвинеяи Нав ва Зеландияи Нав муддате пайваст шуд. Платформа ба туфайли равандҳои тектоникии геосинклиналҳои атроф чанд навбат қад-қади кафидаҳои қишри замин ба ҳаракат омада, дар натиҷа кӯҳҳои Австралияи Марказӣ, массиви Кимберли ва ғ. пайдо шуданд. Аз сабаби дар давраҳои навтарини геологӣ баланд шудани соҳилҳои Баҳри Тасман дар ҷойи кӯҳҳои ҳамворшуда қ-кӯҳи Бахшгоҳи Калон ба вуҷуд омадааст ва А. намуди ҳозираи худро гирифтааст. Ноҳияҳои ҷанубу шарқии А. ва кӯҳҳои Тасмания дар аввали давраи чорумин (плейстосен) яхбандиро аз сар гузарондаанд. Кашфиёти геологии 10 – 15 соли охир қитъаро аз ҷиҳати захираҳо ва коркарди канданиҳои фоиданок дар ҷаҳон ба яке аз ҷойҳои аввал бароварда (махсусан истихроҷи ангишт, боксит, сурбу синк). А. аз фосфорит ва маъданҳои полиметалл, оҳан, мис, уран, тилло, волфрам бой аст. Дар А.-и Шарқӣ конҳои калони ангишт ҳастанд. Аз регзори соҳилҳои шарқӣ ва ҷанубу ғарбӣ маъдани титан истихроҷ мекунанд. Дар таҳнишастҳои баҳрии давраҳои гуногун конҳои нефт (дар штатҳои Уэлси Нави Ҷанубӣ ва Квинсленд, дар Ш.-и қитъа), газ (кони калонтарини Ранкен), хром (дар ғарб) кашф шудаанд. Аз конҳои сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, графит, намакҳои калий ва опал низ бой аст.

Иқлим. А. хушктарин қитъаи олам аст. Ҳангоми хушксолӣ дар он сӯхторҳо ба амал меоянд. Ҳудуди А. ба се минтақаи иқлимӣ тақсим мешавад: қисми зиёдаш (байни 20° – 30° а. ҷ.) иқлими тропикӣ, дар шимоли он субэкваторӣ, дар ҷануб субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи янв. (тобистон) аз 28°С дар шимол то 20°С дар ҷануб, июл (зимистон) аз 20°С дар шимол то 12°С дар ҷануб. Дар ноҳияҳои гармтарин (Марбл-Бар ва биёбони Симпсон) ҳарор. янв. аз 40°С боло мебарояд. Зимистон ҳарор. пасттарин дар ноҳияҳои дохили материк – 4°С, – 6°С; танҳо дар Алпҳои Австралия то – 22°С сард мешавад. Боришоти солона дар 38% масоҳ. А. камтар аз 250 мм аст. Дар гӯшаҳои шим. ва шарқии А. боришоти солона бештар буда, ба 1500 мм (дар Кэрнс 2242 мм) мерасад, вале минбаъд ба сӯи маркази материк кам шуда меравад (250 – 300 мм) ва боз дар қисмҳои ҷанубу ғарбӣ ва ҷанубу шарқӣ то 800 – 1000 мм меафзояд. Шимолтар аз хати Сидней – дар Димоғаи Шимоли Ғарбӣ борон тобистон (дек. – февр.) ва дар Ҷ. зимистон (июн – авг.) меборад. Ба туфайли бодҳои сернам (пассатҳо), ки ҳам аз Шим., ҳам аз Ҷ. мевазанд, дар қисми марказии А. хушксолӣ дер давом намекунад. Даҳсолаи ох. а. 20 дар болои А. «рахнаи озонӣ» мушоҳида мешавад, ки сабабгори ангезиши бемории *меланома* (байни аҳолии сафедпӯст) гардидааст.

Обҳои дохилӣ. Дар А. дарёю кӯлҳо каманд. Ҳаҷми миёнаи солонаи оби аз нишебиҳои Бахшгоҳи Калон ҷории д-ҳо ҳамагӣ 350 км³ мебошад. 10% масоҳ. А. ба ҳавзаи Уқёнуси Ором, наздики 30% ба ҳавзаи Уқёнуси Ҳинд тааллуқ дорад. Дар 60% масоҳ. ҳавзаи дохилӣ д-ҳои муваққатӣ – крикҳо вомехӯранд, ки танҳо аз боронҳои сел ташкил мегарданд. Дарёҳои пуроб, киштигард, вале кӯтоҳ Фитсрой, Бердекин, Хантер мебошанд, ки ба Баҳри Марҷон ва Баҳри Тасман мерезанд. Дарёҳое, ки аз кӯҳҳо сар шуда ба уқёнус мерезанд, низ кӯтоҳ буда, низоми обашон номунтазам аст; д. Кларенс 100 км ва д. Хоксбери 300 км ҷойи киштигард доранд. Муррей (2570 км) ва шохобҳои он Дарлинг (2740 км) ва Маррамбичӣ (2172 км) дарёҳои калонтарини А. ҳисоб мешаванд. Ин дарёҳо дар авв. тобистон, вақте ки дар кӯҳҳо барф об мешавад, пуроб буда, ҳангоми гармои сол хеле камоб мешаванд ва ҳатто шакли кӯлмакҳоро мегиранд. Танҳо Мурей ва Маррамбичӣ доимо ҷоранд. Қариб дар ҳамаи дарёҳо барои обёрии кишту чорогоҳҳо дарғоту обгирҳо сохта шудаанд. Кӯлҳои калони шӯр – Эйр, Торренс, Герднер, Амадиес дар ноҳияҳои биёбонӣ воқеанд. Онҳо сатҳи доимӣ ва резишгоҳ надоранд. Аксаран мехушканд ва аз худ таҳшини намакӣ (то 1,5 м) мегузоранд. Баъзеи онҳо ба ботлоқ табдил меёбанд. А. обҳои зеризаминии фаровон дорад (15 ҳавзаи артезианӣ). Ҳавзаи калони артезиании пастии Марказӣ (1736 км²) дар ҷаҳон калонтарин аст. Дар таркиби обҳои зеризаминӣ намакҳои минералӣ зиёданд. Ин обҳоро асосан дар саноату нақлиёт, обшор гардондани дашту биёбон ва чорогоҳҳо истифода мебаранд. Дар обҳои ширгарми назди соҳилҳои А. моҳидорӣ ва шикори ҳайвоноти баҳрӣ (садафаки хӯрданӣ, трепангҳо, инчунин парвариши тимсоҳ ва моллюски марворид) ба роҳ монда шудааст. Моллюскҳои дар обҳои нармии соҳили шимолии А., дар шароити махсус парваридашуда марворидҳои калон-калон ҳосил ме-



Рифи калон.


Мурғи биҳиштӣ.


Коала (хирси ҳалтадор).


Динго.


Мурғи каҷҷакдум.


Кенгуруи азимҷусса.


Мурғобибини.

кунанд, ки дар бозори ҷаҳон арзиши гарон доранд.

Хок ва наботот. А. олами набототи махсус дорад. Тақр. 75%-и (аз 12 ҳаз. 9 ҳаз.) намуди растаниҳо эндемианд, яъне растаниҳое, ки танҳо дар А. мерӯянд. Қисми зиёди Австралияи Ғарбӣ аз биёбонҳои регзору санглох (биёбонҳои Калони Регзор, Виктория, Гибсон) иборатанд ва дар онҳо фақат гиёҳҳои хӯшадор мерӯянд. Шӯрзаминҳою заминҳои бӯрхок ва бӯри сурхчатоби нимбиёбонҳоро бештар хорбуттаҳои зич (скрэбҳо) фаро гирифтаанд. Баробари афзудани боришот канораҳои нимбиёбонҳо ба минтақаҳои саваннаю бешаҳои тунук табдил меёбанд, ки хокашон сурх, дорчинии сурхчатоб ва дар Ш. тирахоки тропикианд. Канорҳои материк (ба ғайр аз Ғ.) бешазор буда, дар Шим. ва Шим. Ш. бешаҳои тропикии ҳамешасабз (бо омехтаи набототи хоси ҳиндумалайӣ), ҷанубтар аз 26° а. ҷ. бешаҳои субтропикӣ вомехӯранд. Хоки бешаҳо турш ва бӯри хокистарии бешагӣ аст; хоки сурх ва зард низ вомехӯрад. Бешаҳо (асосан эвкалипт) қариб 6%-и масоҳати А.-ро пӯшидаанд. Эвкалипт чӯбаш сахт аст ва аз он равған, моддаҳои даббоғӣ мегиранд. Саваннаҳою бешаҳои сирак чун чарогоҳ истифода мешаванд. Дарахтҳои суккулентӣ – сероби обгина ё суроҳишакл мерӯянд, ки решаҳояшон аз 10 то 30 м чуқур рафта, обро меҷаббанд ва ба фазо паҳн мекунанд.

Олами ҳайвонот. А. минтақаи зоогеографии хос аст. Дар он 235 намуд ширхорагон, 720 намуд паранда, 420 намуд хазанда ва 120 намуд обхокиҳо мавҷуданд. Дар ин ҷо бисёр намудҳои ҳайвонот ҳастанд, ки дар дигар материкҳо вонамехуранд. Мас., аз халтадорон – кенгуру, хирси коала, вомбатҳо; аз ширхорони одии тухмзо – ехидна, мурғобинӯл; моҳии дубаҳра – серадот; аз парандаҳо – шутурмурғи эму, казуар, барбатдум, тӯтии какаду, қуи сиёҳ ва ғ. мавҷуданд. Тимсоҳ, калтакалосу морҳои заҳрнок бисёранд. Саги динго яке аз намудҳои нодири ширхорҳои олӣ аст. Ҳайвонҳои хонагӣ ва савориро (хук, заргӯш, шутур ва ғ.) ба А. европоиҳо ва муҳоҷирони кишварҳои дигар овардаанд.

Ноҳияҳои табиӣ. Аз рӯи шароити табиӣ А. ба се ноҳияи калон тақсим мешавад: 1) Паҳнкӯҳи Австралияи Ғарбӣ – аз ҷинсҳои қадимӣ иборат буда, релйефаш дар натиҷаи денудатсияи дурудароз ба вуҷуд омадааст. Ландшафташ биёбонӣ ва нимбиёбонии тропикӣ. Қисми марказиаш тамоман беоб аст. 2) Пастии Марказӣ – аз халиҷи Карпентария дар Шим. то халиҷи Калони Австралия дар Ҷ. тӯл мекашад. Ҳамвориҳои аккумулятивии он аз таҳнишастҳои баҳр ва кӯл таркиб ёфтаанд. Аз канораҳо то ноҳияҳои марказӣ иқлим батадриҷ континентӣшуда,ландшафтибешаҳои тунук ва саваннаҳо ба нимбиёбонҳою биёбонҳо иваз мешаванд. 3) Қ.-кӯҳи Бахшгоҳи Калон – оббахши асосии дарёҳо ва муайянкунандаи иқлими А. буда, ландшафташ асосан бешазори кӯҳист. Масоҳати бешаҳо торафт кам мешаванд. Вақтҳои охир ҳангоми ҷангалбарқароркунӣ на дарахтҳои маҳаллӣ, балки намудҳои аз дигар кишварҳо овардашударо мешинонанд. Ниг. низ Иттифоқи Австралия.

Ад.: Физическая география частей света, М., 1963; Вопросы геологии Австралии, М., 1965; Свет Я. М., История открытия и исследования Австралии и Океании, М., 1966; Мухин Г. И., Австралия и Океания, 2-е изд., М., 1967; Дроздов Н. Н., Полёт бумеранга, М., 2001; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005; Страны мира, М., 2008.

АВСТРА́ЛИЯГИҲО – АБОРИГЕ́НҲО, аҳолии аслии муқимии Австралия. Асосан дар ноҳияҳои дурдасти Шимолӣ, Шимоли Ғарбӣ ва Марказии Австралия зиндагӣ доранд. Забонҳои аборигенҳо (тақр. 250 лаҳҷа) мутобиқи таҳқиқи лингвистӣ аз 12 оилаи як ирқ иборат буда, қисмати бештарини лаҳҷаҳо аз оилаи забони пама – нюнга мебошанд. Ҳафриёти археологӣ, ҳамчунин таҳқиқоти антропологӣ, этнографӣ ва лингвистӣ нишон додаанд, ки ҳамаи қабилаҳои А. аз як нажоданд. Шумораи умумии аборигенҳо дар ибт. а. 21 тақр. 410000 нафар буда, аксари онро қабилаҳои аррернте, пинтупи, валпири, кариера, нйол – нйол, йолнгу, какаду валмункан, йир – йоронт, курнай, арабана, вакка ташкил медиҳанд. Аввалҳо асоси динашон тотемизм ва шаклҳои гуногуни афсунгарӣ буд, вале тадриҷан эътиқодманди дини насронӣ (протестантҳо ва католикҳо) гардиданд. Андешаҳо доир ба пайдо


Абориген сози халқӣ менавозад.

шудани насли одам дар ин қитъа гуногунанд, вале аксарияти олимон бар ин ақидаанд, ки аҷдоди А. дар охири давраи палеолит аз қитъаи Осиё ба Австралия кӯчида муқимӣ шудаанд. Аз давраи ба мустамликаи европоиён табдил ёфтани А. қисми аҳолии муқимӣ нобуд ва қисми дигараш ба минтақаҳои барои зиндагӣ номусоиди қитъа ронда шуданд, ки дар натиҷа шумораи аҳолӣ то 60 ҳаз. нафар (1921) коҳиш ёфт. Аз ох. а. 19 нисбати А. ҳукуматдорон сиёсати протексионизмро (таъсиси резерватсияҳо – маҳалҳои махсусе, ки аҳолии таҳҷоӣ маҷбуран муҳоҷир карда мешаванд ва ба онҳо мадади моддиву тиббӣ расонда мешавад) татбиқ намуданд ва то а. 21 (аз ҳисоби таваллуд) шумораи аҳолӣ зиёд шуд. Аз с. 1967 А. соҳиби ҳуқуқҳои граждани гардиданд. Таъминоти анъанавии рӯзгузаронӣ (шикор, моҳидорӣ, гиёҳу меваҷундорӣ ва кишоварзии дастӣ) қариб тамоман аз байн рафтааст. Аксарияти аҳолии Австралия аз ҳисоби давлат ва ё ягон навъи эҳсонкорӣ умр ба сар мебаранд. Қисми ками аҳолӣ дар шаҳрҳо сукунат дорад.

Ад.: Роуз Ф., Аборигены Австралии, М., 1981. *Б. Раҳматов.*

АВСТРАЛОПИТЕ́КҲО (аз лот. australis – ҷанубӣ ва pithecus – маймун, бузина), приматҳои олиташаккули одаммонанд, ки бо ду пой ва қомати рост роҳ мегаштанд. Мағзи сари А. калонҳаҷм набуд (300 – 570 мл; 500 – 600 см^3), баландии қоматашон 100 – 160 см, дандонҳои калон доштанд. Маҳали будубоши А. ландшафтҳои саваннавии саҳроӣ буданд. Бори нахуст с. 1924 археолог – бостоншинос Р. Дарт боқимондаҳои бачаи 3 – 4-солаи приматро дар ҷанубии шарқии Трансваали Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ пайдо карда, ба он номи Australopithecus africanus-ро гузошт. Дар даҳсолаҳои минбаъда боқимондаҳои чандин А.-ҳои дигар дар Африкаи Ҷанубӣ ва Шарқӣ ёфт шуданд. Аксари А.-ҳои ёфтшуда аз 4 млн то 1 млн сол пеш зиндагӣ кардаанд. Бостоншиносон А.-ро ба чанд намуд ҷудо кардаанд: аз ҷумла А.-ҳои қадимтарин (Australopithecus afarensis ва Australopithecus vamidus) дар Африкаи Шарқӣ ва А.-ҳои баъдӣ (Australopithecus vobustus ва Australopithecus boisei) дар Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекарданд. А.-ҳои охирӣ бузургҷуссаву нерӯманд буданд ва ҷоғи пурқувват доштанд, зеро алаф, мева ва решаи растаниҳоро истеъмол менамуданд. А.-ҳои хурдҷусса бошанд, дар баробари истеъмоли растанӣ гӯшти ҳайвонотро низ мехӯрданд, зеро мағзи сарашон бештар тараққикарда буд, вале то ҳол маълум нест, ки онҳо худашон сайд мекарданд ё лошахӯр будаанд.

А́ВСТРИЯ (аз нем. қадим Ostarrichi – мамлакати шарқӣ), Республикаи Австрия (Österreichische Republik), давлат дар Европаи Марказӣ. Узви Иттиҳоди Европа (аз с. 1995). Бо Германия, Чехия, Словакия, Венгрия, Словения, Италия, Швейтсария ва Лихтенштейн ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 83858 км^2. Аҳолиаш 8,375 млн нафар (янв. 2010). Пойтахташ – ш. Вена. Аз 8 мулки (музофот) маъмурии мустақил: Бургенланд, Австрияи Болоӣ, Австрияи Поёнӣ, Залтсбург, Каринтия, Штирия, Тирол, Форарлберг ва Вена (аз чиҳати маъмурӣ ба мулк баробар дониста шудааст) иборат аст. 26 окт. – рӯзи қабули Қонуни Конститутсионии федералӣ (1955) дар бораи бетарафии доимӣ – Иди миллии Республикаи Австрия. Воҳиди пулӣ – евро (то с. 2001 – шиллинги австриягӣ).






Парчам ва нишони Австрия.

Сохти давлатӣ. А. республикаи федеративӣ, парламентӣ мебошад. Сардори давлат – президенти федералӣ, ки дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ ба мӯҳлати 6 сол интихоб мешавад (ҳуқуқи як бор аз нав интихоб шудан дорад). Мақоми олии қонунбарори ҳокимият – парламенти дупалатагӣ: Шӯрои миллӣ – Натсионалрат, ки дар ҳайати 183 намоянда ба мӯҳлати 4 сол ва Шӯрои федералӣ – Бундесрат, ки дар ҳайати 63 намоянда ба мӯҳлати 4 – 6 сол (вобаста ба мӯҳлати ваколаташон) аз ҷониби ландтагҳо (парламентҳои мулкӣ) интихоб мешаванд. Ҳокимияти иҷроияро президенти федералӣ ва ҳукумати федералӣ (сарвараш – канслери федералӣ), дар маҳалҳо ландтагҳо ба ҷо меоваранд. Ҳар кадом мулки федералӣ конститутсия, ландтаг ва ҳукумати худро дорад. Ҳокимияти судӣ аз Суди олӣ, Суди административӣ (маъмурӣ) ва Суди конститутсионӣ иборат аст. А. узви СММ, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Комиссияи Дунай аст. Аз 25 марти 1992 бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ дорад. Барои пешбурди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии байни Тоҷикистон ва А. Комиссияи байниҳукуматӣ таъсис дода шудааст.

Табиат. А. кишвари кӯҳсор аст. Қариб 3/4 сатҳи А.-ро қ-кӯҳҳои Алпи Шарқӣ (60%) ишғол кардаанд. Алпи Оҳаксангии Шимолӣ аз шимоли Форарлберг ва Тирол (якҷоя бо ноҳияҳои ҷанубии Залтсбург ва Австрияи Болоӣ) то мавзеи Бешазорҳои Венаро фаро гирифтааст (қуллаи баландтаринаш Гросглокнер, 3797 м). 1/5 қисмашро водии Дунай ва ноҳияҳои пасту ҳамвори Штирия ва Бургенланд, боқимондаи онро кӯҳҳои начандон баланди массиви Богем фаро гирифтаанд. Иқлими ҳамвориҳо ва доманаи кӯҳҳо континентии мӯътадил, дар Ғ. сернамтар аст. Ҳарор. миёнаи янв. аз –1°С то –4°С, июл аз 15°С то 18°С; дар Ҷ. то 25 – 27°С. Боришоти солона – 500 – 900 мм, дар кӯҳҳо – 1500 – 2000 мм. Қисми асосии ҳудуди А. ба ҳавзаи Дунай (ягона дарёи киштигард, дар хоки А. 350 км) ва интиҳои он (дар Ғ.) ба ҳавзаи Рейн мансуб аст. Аз баландиҳои 2700 м минтақаҳои яху барфҳои доимӣ сар мешаванд. Масоҳ. умумии пиряхҳо ба 600 км^2 мерасад. Дар А. наздики 580 кӯли пайдоишашон пиряхӣ (масоҳ. умумиашон 400 км^2) ҳаст. 38%-и масоҳ. А. бешазор аст. Дар баландии аз 2000 то 2700 – 3000 м марғзорҳои алпӣ воқеъ шудаанд. Қабати набототии (растанӣ) табииро инсон хеле тағйир додааст. То баландии 600 – 800 м байни дарахтзорон заминҳои кишт ва аз он боло бешазорони анбӯҳ ба назар мерасанд. Дар минтақаи бешазор, асосан дар мамнӯъгоҳҳо ва дар баландкӯҳҳо, хелҳои нодири ҳайвонҳои мансуби Европа: шоҳгавазн, гавазн, оҳу, хирс, гуроз, уқоби кӯҳӣ, суғури алпӣ, бузи кӯҳӣ, рӯбоҳ, гурбаи ваҳшӣ боқӣ мондаанд. Дар А. ба масъалаи ҳифзи муҳити зист аҳамияти ниҳоят ҷиддӣ медиҳанд. Дар ин бора қонунҳои қотеъ қабул шудаанд (сатҳи зарнокии партовҳо нисбати диг.



Майдон дар ш. Вена.



кишварҳо пасттар муқаррар шудааст, барои безараргардонии онҳо чораҳои зиёд дида мешавад). Дар А. 40 мамнӯъгоҳ, паркҳои миллӣ, минтақаҳои ҳифзшаванда мавҷуданд (бештарашон дар кӯҳҳои Алп, калонтаринашон – Тауэрн, 800 км^2 ; Нокберге, 216 км^2).

Аҳолӣ. 98%-и аҳолӣ – австриягиҳо, 0,3% – хорватҳо, 0,2% – словениягиҳо, чехҳо, руминҳо, венгерҳо, словакҳо, лӯлиҳо ва ғ. Нишонаи миёнаи дарозумрӣ – 79 сол (76 – мардҳо, 82 – занҳо), зичии миёнаи аҳолӣ 97,5 нафар дар 1 км^2, суръати миёнаи афзоиши аҳолии А. – 0,14%. Аҳолии шаҳрнишин – 68%. Забони давлатӣ – немисӣ, 74% аҳолӣ – католикҳо, 5% – протестантҳо, 4,2% – мусулмонон, 6,5% – мӯътақидони динҳои дигар. Ҳамагӣ 12 намуд дин, аз ҷумла 3 ҳаз. сикхҳо ба қайд гирифта шудааст. Бузургтарин ташкилоти динии мамлакат – Калисои католикии Рим (71% аҳолӣ). Солҳои 90 а. 20 аҳолии А. аз ҳисоби муҳоҷирони Босния, Герсоговина, Хорватия, Сербия, Туркия, Венгрия, Полша ва Руминия зиёд гардид. Бештари аҳолӣ (70%) дар ҳавзаи Вена, водиҳои Дунай ва Рейн, ҳамвориҳои Штирияю Бургенланд зиндагӣ мекунанд. Шаҳрҳои калонтарини А.: Вена, Грац, Линтс, Залтсбург, Инсбрук.

Таърих. Ҳудуди А. аз даврои палеолит маскун шудааст. Асри биринҷӣ бо бозёфтҳои археологии қабилаҳои иллирӣ ва ибт. асри оҳан бо нумӯи тамаддуни Галштат муаррифӣ шудааст. Дар ҳудуди ҳозираи Каринтия қабилаи иллириҳо давлати келтҳоро бо номи Норик таъсис доданд. Аз ох. а. 1 то м. то а. 5 м. дар ҳайати давлати ғуломдории Рим буд. Дар ин аҳд роҳҳо сохта шуда, шаҳрҳои Виндобона (Вена), Ювавум (Залтсбург) ва ғ. таъсис ёфтанд. Дар даврои *Муҳоҷирати бузурги халқҳо* дар хоки А. қабилаҳои германӣ (асосан баварҳо) ва славянҳо (асосан словенҳо) сокин буданд, ки дертар аз онҳо халқи А. ташаккул ёфт. Ба қисми шарқии А. аварҳо ва маҷорҳо беист тохтутоз мекарданд. Дар ох. а. 8 заминҳои А. ба ҳайати давлати Франкҳо ва баъди пароканда шудани он (843) ба шоҳигарии Франки Шарқӣ (Германия) дохил шуданд. Дар Ш. ин сарзамин, ки онро ох. а. 8 императори Франкҳо Карли Кабир аз аварҳо кашида гирифт, Маркаи Авар, баъдтар Маркаи Шарқии Бавария (машҳур ба Маркграфии А.) ташкил ёфт. Дар а. 10, ҳангоми ҳукмронии маркграфҳои сулолаи Бабенбергҳо (976 – 1246) ин ҳудуд Австрия (Osterreich), яъне «вилояти шарқӣ» ном гирифт. Соли таъсиси давлати А.-ро 1156 (вақте герсогигарии мустақил дар ҳайати империяи Рим шуд) меҳисобанд. Герсогҳои А. ба мулки худ Штирия, Каринтия, Крайна, Тирол, Форарлбергро ҳамроҳ карданд. Аз с. 1282 ҳукмронии сулолаи Габсбургҳо сар шуд (он то с. 1918 давом дошт). Габсбургҳо нияти тамоми Европаро таҳти ҳокимияти амалии хеш ва ҳокимияти маънавии Папаи Рим дар империяи ягонаи феодалию католикии фавқулмиллӣ муттаҳид кардан доштанд. Вале ландтагҳои мулкҳои мустақил (намояндагони сулола байни худ тақсим карда буданд) ҳеҷ ба ҳам намеомаданд. Ин иттиҳод танҳо дар аҳди Максимилиани I (ҳокими А. аз с. 1493, 1508 – 19 – император) муяссар гардид ва дар натиҷаи никоҳҳои сулолавӣ ба А. сарзамини Бургундия (Нидерландҳо), Испания бо мустамликаҳояш, Богемия (Чехия) ва Венгрия ҳамроҳ гардиданд. Дар аҳди наберагони Максимилиани I – Карли V ва Фердинанди I сулолаи Габсбургҳо асосгузори ду шоҳаи ҳукмронӣ – испанӣ ва австриягӣ шуданд. Аз ох. а. 15 дар А. аввалин муносибатҳои капиталистӣ сурат гирифтанд. А., ки канданиҳои зиёди зеризаминӣ дошт, маркази саноати кӯҳкории Европа гардид.

Ҳаракатҳои халқӣ ба муқобили калисои католикӣ, муборизаи зиддифеодалии деҳқонон (1594 – 97) дар А.-и Болоӣ ва Поёнӣ ва Тирол (Чехия ва Венгрияи Ғарбӣ; 1626) ба сиёсати империявии Габсбургҳо зарбаи нахустин зад, ки ин ба ҷудошавии давлатҳои протестантӣ сабаб шуд. Кӯшиши Габсбургҳо дар роҳи барқарор кардани католитсизм (протестантизми ҳукмрон дар Чехия ва Венгрияро пахш карда) дар а. 17 боиси ҷанги сисолаи (1618 – 48) умумиевропоӣ гар-

дид ва дар натиҷаи он сиёсати империявӣ – католикии Габсбургҳо шикаст хӯрда, гегемонияи онҳо дар Европа ба охир расид. Ох. а. 17 ва ибт. а. 18 ҳокимияти Габсбургҳо бо Империяи Усмония ва Франсия ҷангҳо карда, аз нав қудрат гирифт. Дар ҷанги муқобили Туркия (1683 – 99) ва ҷанг барои тақсими мероси Испания сулола ба қисми зиёди Венгрия, Хорватия, Трансилвания, қисми ҷанубии Нидерландия (Белгия), баъзе қисмҳои Италия, Банат, Словения, Босния, Полша ва Буковина соҳиб гашт. Дар ибт. а. 18 империяи Габсбургҳо муқтадиртарин дар Европа буд. Ҷанг барои тахту тоҷи А. (1740 – 48 ва 1756 – 63 – Ҷанги ҳафтсола) ба суқути иқтисодию сиёсӣ оварда расонд. Барои беҳ кардани ҳолат дар аҳди духтари Карли VI Мария Терезия (1740 – 80) ва писари ӯ Иосифи II як қатор ислоҳот гузаронида шуданд (ҷорӣ кардани гумруки ягона, ташкили мануфактураҳо, таҳкими хоҷагиҳои деҳқонӣ, такмили маориф, ҷорӣ кардани таҳаммулпазирӣ, озод кардани деҳқонон аз маҷбуриятҳо ва андозҳои гарон, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои калисои католикӣ, ҷорӣ кардани забони ягонаи немисӣ дар тамоми қаламрав ва ғ.). Ин ҳама норозигии мухолифинро ба вуҷуд овард (инқилоби Брабант, 1789 – 90). Таъсири ғояҳои Инқилоби Франсия, шикаст дар ҷангҳои зидди Италия ва Германия (1796 – 97 ва 1800 – 01) ба сиёсати дохиливу хориҷии империяи А. таъсири амиқ расонд. Худро «Императори Австрия» эълон кардани Франси II (1804) ва аз ҷониби ӯ тахти фишори Наполеони I барҳам додани империяи Рими Муқаддас (1806) барои муттаҳидшавии заминҳои Габсбургҳо аҳамияти калон дошт. Баъди мағлубияти Франсия А. пурқувват гардид, ба он қисми зиёди мулкҳои аз дастрафтааш баргардонда шуд. Баъди ба сари қудрат омадани К. Меттерних (вазири корҳои хориҷӣ аз с. 1809, канслер – 1821 – 24) сиёсати берунии империя тағйир ёфт. Ӯ нуфузи А.-ро пойдор ва дар Иттиҳоди Германия барои кишвар нақши арзандаро таъмин кард. Император Франс Иосифи I (1848 – 1916) с-ҳои 1850 – 60 кӯшиш кард, ки давлатро мутамарказ намояд, пули ягона, системаи гумрукии ягона ва қувваҳои ҳарбии ягона ташкил кунад, аммо ҳамаи ин ва махсусан кӯшиши германикунонии ӯ норозигии миллатҳои дигари империяро ба вуҷуд овард. Ӯ маҷбур шуд сохти конститутсионӣ ҷорӣ кунад ва парламенти дупалатагӣ – рейхсрат таъсис диҳад. Аммо ба ин венгерҳо ва славянҳо зид баромаданд. Зарбаҳо дар соҳаи сиёсати берунӣ, бад шудани муносибат бо Россия, ҷанг бо шоҳигарии Сардиния ва Франсия, Пруссия ва Италия мутлақияти давлати Габсбургҳоро барҳам зад ва империяи ягона ба мутлақияти дугона, давлати дуалистии конститутсионии Австрия-Венгрия (созишномаи с. 1867) – монархияи Австрия-Венгрия (А.-В.) табдил ёфт. Нуфузи Венгрия норозигии миллатҳои дигар, махсусан чехҳоро бедор кард. Онҳо талаб мекарданд, ки ба Чехия ҳам ҳуқуқҳое, ки Венгрия дорад, дода шавад. Бӯҳрони с. 1873 сиёсати иҷтимоии қавиро тақозо мекард. Ин муддат дар А. марксизм васеъ паҳн мешавад. Соли 1848 дар А. инқилоби буржуазии демократӣ сар зад. Бо вуҷуди шикаст хӯрдани он баъзе дастовардҳо боқӣ монданд. Ислоҳоти аграрӣ (барҳам додани баршина, оброк ва ғ.) барои тараққии капитализм замина фароҳам овард. Вале с. 1867 баъди ташкил шудани Иттифоқи Германияи Шимолӣ мутлақияти Габсбургҳо мавқеи давлати бузургро аз даст дод. Бар ивази либерализми мавқеъбохта пайдо шудани ҳаркатҳои нав – ҳаракати миллӣ, сотсиал-демократӣ, христианӣ-сотсиалӣ ва махсусан таъсиси Ҳизби сотсиал-демократии Австрия (1888 – 89) баҳри мубориза барои ҳуқуқҳо (махсусан ҳуқуқи интихобот) замина ба вуҷуд оварданд. Дар ибт. а. 20 дар А.-В. ҳаракати коргарӣ авҷ гирифт. Азбаски сиёсати хориҷии А.-В. аз пурзӯршавии ғасби Балкан иборат буд, А. с. 1908 Босния ва Гертсговинаро ба худ ҳамроҳ кард. Соли 1891 Ҳизби христианӣ-сотсиалӣ чун тарғибгари «католисизми иҷтимоӣ» таъсис ёфт. Ин ҳизби майдабуржуазӣ то с. 1907 корпуси асосии интихобкунандагон буда, дар интихобот ғалабаи пайравонашро таъмин мекард. А. 28 июли 1914 ба Сербия, 6 авг. ба Россия ҷанг эълон карда, ҳамчун иттифоқчии Германия ба Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дохил шуд. Бо баста шудани Иттифоқи сегона бо Германия ва Италия ҳанӯз с. 1882 А.-В. ба маҷрои сиёсати берунии Германия афтода буд. Ба ғасби Балкан ҳам А.-В.-ро Германия водор карда, зиддияти ӯро бо Россия ва Сербия шиддат гиронд. Акнун ба Иттифоқи сегона блоки русӣ-англисӣ-франсавии Антанта муқобил гузошта шуда, ин ҷанг оғоз гардид. Мағлубият дар фронтҳо, бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ дар дохили мамлакат, таъсири Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр боиси корпартоии умумӣ гардиданд (янв. 1918). Окт. – ноябри 1918 дар А.-В. Инқилоби буржуазӣ-демократӣ ғалаба кард. Императори охирини А.-В. Карли I аз тахт даст кашид. 12 ноябр А. республика эълон шуд. Давлати Габсбургҳо ба якчанд давлати мустақил ҷудо шуд (Венгрия, Чехословакия; як қисми ҳудуди собиқ А.-В. ба Полша, Руминия ва Югославия гузашт). Республикаи А., ки як қисми империяи футуррафта буду ҳудуди сарҳадии дақиқ надошт ва аз ҷанг хеле заъиф шуда буд, роҳи душвори худмуайянкуниро паси сар мекард. Бисёре аз қуввахои сиёсӣ ба пойдор мондани А. бовар надоштанд. Сотсиал-демократҳои сари қудратомада (сардори ҳукумат К. Реннер) барои халос шудан аз оқибатҳои ҷанг, гуруснагии зимистонҳои 1918 – 19 ва 1919 – 20, инфлятсия ва бекорӣ дар масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳ кардани вазъи заҳматкашон як қатор чораҳо андешид. Ҳизби христианӣ-сотсиалии с. 1942 ба сари давлатомада (сарвараш Й. Зайпел) низ протоколҳои Женеваро оид ба қафо партофтани ҷуброни зарари ҷангҳо ва дода шудани қарз ба андозаи 650 млн крони тиллоӣ ба А. ба имзо расонда, вазъи мамлакатро беҳтар кард. Аммо зиддияти ду ҳизби муқтадири А. – Ҳизби сотсиал-демократӣ бо ташкилоти Шутстбунд ва христианӣ-сотсиалӣ бо ташкилоти Хаймвер, ки ҳар яке қуввахои мусаллаҳи худро доштанд, дар Вена июли с. 1927 зидди ҳам бархостанд ва дар он зиддият баромади коргарҳо пахш карда шуд. Моҳи майи 1930 Хаймвер аз демократия рӯй гардонда, бо доираҳои фашистӣ забон як кард. Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии с-ҳои 1929 – 33 ҳолати иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоии А.-ро бадтар кард. Соли 1932 ба сари ҳокимият намояндаи Ҳизби христианӣ-сотсиалӣ Э. Долфус омада, парламентро пароканда, озодии матбуот ва гирдиҳамоиҳоро бекор, фаъолияти ҳизби коммунистиро манъ кард. Режими нав аз ҷониби Италияи фашистӣ дастгирӣ мешуд. Февр. 1934, вақте ки отрядҳои Хаймвер мехостанд аъзои Шутстбунди пароканадашударо беяроқ кунанд, коргарони Вена, Линтс ва дигар шаҳрҳо ба онҳо муқобилияти мусаллаҳона нишон доданд. Шӯришгарон бераҳмона торумор шуданд, фаъолияти Ҳизби сотсиал-демократии А. манъ шуд. Дар мамлакат фашизми австриягӣ ғолиб гардид. Конститутсияи нави майи 1934 қабулшуда

ба ҳукмронии авторитарӣ асос ёфта буд. Танҳо як ҳизб – «Фронти миллӣ» иҷозати фаъолият дошт. Июли 1936, баъди кушта шудани Долфус аз ҷониби миллатчиёни сотсиалист, ҳукумати канслери нав К. Шушниг бо Германия шартнома баст ва мувофиқи он А. расман соҳибистиқлол буд, вале амалан пайрави сиёсати Германияи гитлерӣ гардид. Февр. 1938 Гитлер аз Шушниг қатъӣ талаб кард, ки сарвари натсистони А. Зейс – Инкбарт ба ҳайати ҳукумат ворид карда шавад. Шушниг 13 март дар масъалаи аншлюс (ғасби А. аз ҷониби Германия) ё истиқлолияти А. раъйпурсии умумӣ эълон кард. Аммо Гитлер раъйпурсиро бекор ва Шушнигро аз вазифа дур кард. Шаби 12 марти 1938 қӯшунҳои Гитлер ба А. даромаданд ва он ба рейхи Германия ҳамроҳ карда шуд. Дар давоми 7 сол А. музофоти Германияи натсистӣ буд. Фашизми Германия дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз захираҳои бойи А. истифода бурд. Бештар аз 1,5 млн. австриягиҳо ба қӯшунҳои фашистӣ сафарбар шуданд. Ҳазорҳо нафар мардуми А. қурбони террори фашистӣ гардиданд. Айни замон коммунистон ва гурӯҳҳои сиёсии дигар муборизаи пинҳонии зиддифашистӣ мебурданд, вале ҳаракати Муқобилат оммавӣ нагардид. Соли 1943 дар Москва, дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои (паймони) зиддигитлерӣ – СССР, ШМА ва Британияи Кабир оид ба А. Эъломия ба имзо расонданд. Дар он гуфта шудааст, ки се давлат мехоҳанд А.-ро барқароршуда, озод ва соҳибистиқлол бинанд. Марти 1945 қӯшунҳои советӣ аз сарҳади А. гузаштанд ва 13 апр. 1945 Венаро озод карданд. А. ба чор минтақа: советӣ, америкоӣ, англисӣ ва франсавӣ ҷудо карда шуд. Дар ҳудуди А. ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иҷозат дода шуд. Апр. 1945 дар Вена Ҳукумати Муваққатии А. (бо сарвории Реннер) ташкил ёфт. Ҳокимияти Олӣ дар дасти Шӯрои иттифоқчиён буд (иборат аз 4 Комиссари олии чаҳор кишвари ишғолгар). А. дубора Республика эълон шуд. Соли 1948 ҳукумат барои иштирок дар Нақшаи Маршалл созишнома имзо кард, ки ин барои беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ зарур буд. Ҷиноятҳои ҳарбӣ маҳкум ва собиқ аъзои ҳизби натсистӣ аз вазифа озод карда мешуданд. Ҳукумат баъди интихоботи парламенти с. 1949 аз Ҳизби халқии Австрия ва Ҳизби сотсиалистии Австрия ба хотири пешрафт «коалитсияи калон» таъсис дод. Ҳукумати Советӣ с-ҳои 1953 – 54 барои сабук кардани тартиботи ишғолӣ дар А. як қатор тадбирҳо андешид. 15 майи 1955 бо ташаббуси Иттифоқи Советӣ дар Вена намояндагони СССР, ШМА, Англия, Франсия ва А. дар бораи барқарор кардани А.-и мустақил ва демократӣ ба Шартномаи давлатӣ имзо карданд ва мувофиқи он истилои А. аз байн бардошта шуд. 26 окт. 1955 парламенти А. дар бораи бетарафии доимии А. қонуни конститутсионӣ қабул кард. Вай мувофиқи ин қонун ӯҳдадор шуд, ки ба ҳеҷ гуна иттифоқи ҳарбӣ дохил намешавад ва дар ҳудуди худ ба барпо кардани базаҳои ҳарбии хориҷӣ роҳ намедиҳад. Шартномаи давлатӣ А.-ро ҳамчун давлати соҳибихтиёри мустақил ва демократӣ барқарор кард. Мамлакатҳое, ки ба Шартномаи давлатӣ имзо карданд, ӯҳдадор шуданд, ки истиқлолият ва якпорчагии ҳудуди А.-ро эътироф мекунанд. Сиёсати бетарафии доимии А.-ро бештари давлатҳои дунё муҳтарам мешуморанд. А. с. 1957 Созишномаи европоии ҳифзи ҳуқуқи инсонро имзо кард. Солҳои 60 а. 20 давраи рушди иқтисодиёт ва болоравии сатҳи зиндагии ҳама қишрҳои аҳолӣ буд. Баъди интихоботи с. 1966 Ҳизби халқии Австрия (ҲХА) ба ташкили ҳукумати якҳизбӣ ноил шуд. Дар зарфи 13 соли ҳукмронии Ҳизби сотсиалистии Австрия (ҲСА) таҳти сарварии Б. Крайский, ки дар интихоботи с. 1970 ғолиб омада буд, дар соҳаи иқтисод, ҳуқуқ, қонунбарории иҷтимоӣ, маориф ва ғ. таҳаввулот эҳсос шуд. А. дар миёнаи с-ҳои 70 а. 20 ба бӯҳрони энергетикӣ гирифтор шуд. Барои баланд нарафтани сатҳи бекорӣ ва оромии иҷтимоӣ ҳукумат ба баровардани вомбарг рӯовард ва қарзи давлатиро зиёд кард. Аз с. 1977 мушкилоти иқтисодӣ бештар шуд. Дар як қатор кашмакашҳои сиёсӣ, ки ба он сотсиалистон ҳамроҳ буданд, обрӯи ҲСА коста гардид ва он дар интихоботи с. 1983 ғалаба накард. Ҳукумати нави коалитсионӣ боз бо ҳамдастии ду ҳизб – ҲСА ва ҲХА то с. 2000-ум фаъолият кард. Дар ин давра рушди иқтисод, ҷалби инвеститсия, болоравии шуғли аҳолӣ назаррас буд. Вобаста ба тағйироти куллии дар тамоми Европа ба амаломада, с-ҳои 1980 – 90 сиёсати бетарафии А. бештар мавриди баҳс қарор гирифт. Баъзе сиёсатмадорон тарафдори ворид шудани А. ба НАТО мебошанд. Аммо Қонуни федералии конститутсионии А. оид ба бетарафии доимӣ қонуни амалкунанда аст. Масъалаи муҳоҷирон, ки ох. с-ҳои 90 а. 20-ум 9%-и аҳолиро ташкил медод, низ ба мадди аввал баромад – мас., эътирозҳои зиддимуҳоҷиратии Ҳизби озоди Австрия (ҲОА), ки торафт нерӯ мегирад. Азбаски дар парламенти А. ду ҳизби муқтадир – ҲСА ва ҲХА солҳои зиёд бартарӣ доштанд, дар парламенти кишвар шароити нав ба вуҷуд омад : дар ин мақом се фраксияи гурӯҳи калон – ҲСА, ҲХА, ҲОА ва ду гурӯҳи нисбатан хурд (яке «сабзгароён») ташкил шуданд. Соли 2000 ҲХА аввалин бор бо ҲОА паймони ҳукуматӣ ташкил дод. Сиёсати берунии А. дар чорчӯбаи Ҳамраъйии Европа пеш бурда мешавад. Янв. 2009 А. дар Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид намояндаи муваққатӣ (дар с-ҳои 2009 – 10) буд.

Ҳизбҳои асосӣ ва иттифоқҳои касаба: Ҳизби сотсиалистии Австрия (ҲСА), ки шомили Интернатсионали сотсиалистӣ аст; Ҳизби халқии Австрия (ҲХА); Ҳизби озодии Австрия (ҲОА). Иттиҳодияи иттифоқҳои касабаи А. 14 иттифоқи соҳавиро дар бар мегирад. Мақоми марказии доираҳои расмии иқтисодӣ – Палатаи федералии иқтисод мебошад.

Қувваҳои мусаллаҳ. Азбаски А. давлати бетараф аст, қувваҳои мусаллаҳаш аз қӯшунҳои пиёданизоми камшумор ва қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ иборат мебошанд. Соҳаи мудофиаи миллӣ зимни иҷрои Шартномаи давлатии с. 1955 қабулкардаи А., ки доштани яроқи ядроӣ, химиявӣ ва биологиро манъ мекунад (манъи дигар намудҳои махсуси силоҳ с. 1990 бекор карда шудааст), танзим мегардад. Сарвари қувваҳои мусаллаҳ Инспектори генералӣ мебошад, ки таҳти фармони Вазири мудофиаи миллӣ қарор дорад (шахси граждани, намояндаи ҳизби ҳукмрон). Синни даъвати ҳатмӣ ба сафи артиш – аз 18-солагӣ, кироя – аз 16-солагӣ, мӯҳлати хизмат – 6 моҳ (аз 2007) муайян шудааст. Сарфи маблағ ба соҳаи мудофиа 1,5 млрд доллари америкоӣ (0,8%-и Маҷмӯъи Маҳсулоти Дохилӣ).

Иқтисодиёт. А. мамлакати индустриявию аграрии ба дарачаи баланд тараққикардаи Европа мебошад. Иқтисодиёти он бо давлатҳои Европаи Ғарбӣ алоқаи зич дорад. Ҳаҷми ММД 245,5 млрд долларро ташкил медиҳад, ки 33%-и он ба ҳиссаи маҳсулоти саноат, 2 % ба кишоварзӣ ва 65% ба соҳаи хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳо рост меояд. Яке аз хусусиятҳои хоси иқтисодиёти баъдичангии А. аз он иборат буд, ки ҳиссаи сек-

тори давлатӣ дар он мавқеи асосиро ишғол мекард. А. барои дохил шудан ба Иттиҳоди Европа барномаи васеи хусусигардонии соҳаҳои саноатиро қабул кард, ки он ба ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ имкон дод. Ҳоло дар А. 1,5 млн т нефт, 1,5 млрд $м^3$ гази табиӣ, қариб 1,5 млн т ангишти сиёҳтоб, зиёда аз 2 млн т маъдани оҳан, қариб 250 ҳаз. т руҳу сурб, зиёда аз 1 млн т магнезит истихроҷ мекунанд. Дар А. 1900 нерӯгоҳи баркӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар А. ҳамагӣ 65% иқтидори энергетикии захираҳои обӣ истифода мешавад. Дар саноати мамлакат мавқеи мошинсозӣ хеле калон аст. Ин соҳа зиёда аз 1500 корхонаҳои гуногунро муттаҳид сохта, дар онҳо 190 ҳаз. нафар кор мекунанд. Вена маркази бузурги мошинсозӣ аст.

Саноати химия низ соҳаи муҳим буда, дорои бештар аз 700 корхона аст ва дар он қариб 56 ҳаз. коргар кор мекунад. Маҳсулоти асосии соҳа: доруворӣ, нуриҳои минералӣ, локу ранг, каучуки синтетикӣ ва ғ. Гарчанде А. захираҳои зиёди ҷангал дорад, маҳсулоти хомро барои соҳаи коркарди чӯб, истеҳсоли мебел, коғазу селлюлоза аз Европаи Шарқӣ ворид мекунад. Соҳа зиёда аз 600 корхона ва қариб 50 ҳаз. нафар коргар дошта, маҳсулоти тайёрро ба Япония, Италия ва Германия содир менамояд. Мавқеи саноати металлургӣ низ дар иқтисодиёти А. бузург аст. Металлургияи сиёҳ ба истеҳсоли пӯлоди баландсифат махсус гардонида шудааст (соле 4 млн т пӯлод ва 3,5 млн т прокат). Линтс, Австрияи Болоӣ, Леобен марказҳои асосии истеҳсоли чӯян ва коргоҳҳои намудҳои дигари прокат мебошанд. Аз соҳаҳои металлургияи ранга ҷойи асосиро истеҳсоли алюминий ишғол менамояд. Корхонаи Рансхофен калонтарин муассисаи истеҳсоли алюминий дар Европаи Ғарбӣ мебошад. Корхонаҳои саноати бофандагӣ ба истеҳсоли нахи пахтагин ва наҳҳои сунъӣ, матоъҳои пахтагӣ, пашмӣ, синтетикӣ ва қолинбофӣ тахассус ёфтаанд. Маркази асосии он дар ҷан. Вена – Форарлберг воқеъ буда, асосан аз корхонаҳои хурд иборат аст. А. дорои соҳаи комплекси агросаноатии ба дараҷаи баланд инкишофёфта низ мебошад. Аз тамоми заминҳои кишоварзӣ (3,5 млн га) киштзор – 40%, марғзору чарогоҳ – 57% ва майдони токзор 1,6%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши аграрӣ зиёда аз 300 ҳаз. хоҷагӣ фаъолият дорад. Дар А. кооперативҳои хоҷагии деҳот хеле инкишоф ёфтааст. Чорводорӣ низ тараққӣ кардааст: парвариши чорвои калони шохдори зотӣ, истеҳсоли гӯшт, маҳсулоти гӯшту ширӣ. Кишоварзӣ бештар дар Ш. мамлакат ривоҷ ёфтааст. Асосан ғалладона (гандум, ҷав, ҷавдор, ҷуворимакка), сабзавот, бештар лаблабуи қанд ва картошка кишт мекунанд. Токзорҳо боиси тараққиёти шароббарорӣ (52 ҳаз. га, соле 2,34 млн геколитр май истеҳсол мекунанд шудааст. Австрияи Поёнӣ (60%-и истеҳсоли умумӣ), Бургеланд (33%) ва Штирия (5%) ноҳияҳои асосии соҳа мебошанд. Иқлими хуби А. барои тараққии боғдорӣ (3,2 млн га) мусоид аст. Бештар аз 42%-и масоҳати мамлакат бешазор аст. Соле 13,3 млн м чӯбу тахта тайёр мекунанд.

Нақлиёт. Шабакаи нақлиёти А. яке аз беҳтарин дар Европа ҳисоб меёбад. Дарозии умумии хати Роҳи оҳани федералӣ – 6,2 ҳаз. км буда 3,5 ҳаз. км-и он электронида шудааст. Соле ба воситаи р. о. зиёда аз 75 млн т бор ва қариб 185 млн мусофир кашонида мешавад. Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – 200 ҳаз. км, автомагистралҳо – 1613 км. Аҳамияти роҳҳои оҳани ағбаҳои кӯҳҳои Алп бузург аст. Чаҳор ағба аҳамияти транзитӣ доранд: ағбаи Бреннер (дар сарҳади Италия, равуо бо Италия ва Германия), ағбаи Земмеринг (ҳавзаи Венаро бо водиҳои Мур ва Мюрте мепайвандад ва то ба Словенияю Италия мерасад); ба воситаи ағбаҳои Фрин ва Тауэрн роҳҳо ба самти ҷанубу шарқӣ кашида шудаанд. Кушода шудани сарҳадҳо дар доираи Иттиҳоди Европа боиси баландшавии миқдори нақлиёти транзитӣ ва бад шудани вазъи экологӣ гардид. 55 аэропорти А. соле 15 млн мусофир ва 126 ҳаз. т бор (бе дарназардошти интиқоли почтавӣ) мекашонанд. Бузургтарин аэропорти А. – Швехат (Вена). Дар А. сайрхатҳои велосипедӣ зиёданд. Нақлиёти кӯҳӣ – фуникулёр, лифтҳо, роҳҳои симӣ низ ривоҷ ёфтааст. Дарозии роҳҳои дохилии обӣ 358 км буда, соле 10 млн т бор ва зиёда аз 500 ҳаз. мусофир мекашонад. Бандарҳои асосии обии А: Вена, Линтс, Энс, Кремс. Нақлиёти қубурӣ (қубурҳои газ, нефт ва масолеҳи нефтӣ) соле 14 млрд т-км маҳсулотро интиқол медиҳад. Робитаи иқтисоди берунаи А.: с. 2005 арзиши умумии содирот 83,4 млрд доллар, воридот – 81,6 млрд доллари ШМА-ро ташкил намуд. Қариб 44%-и содирот ва 40%-и воридот ба маҳсулоти мошинсозӣ, таҷҳизот ва лавозимоти нақлиёт, боқимонда ба маҳсулоти химиявӣ, ашёю маҳсулоти дигар рост меояд. Зиёда аз 65%-и савдои берунии А. бо давлатҳои Иттиҳоди Европа ба амал бароварда мешавад. Туризм дар иқтисодиёти А. аҳамияти бузург дорад (9,1%-и ММД), ба А. соле зиёда аз 18 млн сайёҳони хориҷӣ омада, бештар аз 12 млрд доллар даромад меоваранд. Ҳоло дар А. 70 ҳаз. ташкилоти миёна ва хурди сайёҳӣ фаъолият доранд ва дар онҳо 350 ҳаз. нафар кор мекунанд. Солҳои охир бисёр шаҳраку деҳаҳои А. ба курортҳои бузурги европоӣ табдил ёфта, собиқ деҳотиён бо соҳибкории соҳаи туризм ва меҳмонхонадорӣ машғуланд. А. кишвари анъанавии туризми зимистона ва лижаронии кӯҳӣ ба шумор меравад. Ҳар сол дар кӯҳсори он зиёда аз 8 млн сайёҳ сайр мекунанд. Дар ҳудуди А. 8 масдари ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО воридшуда воқеъанд: ансамбли қасри Шёнбрунн (Вена), марказҳои таърихии Вена, Залтсбург ва Гратс; аввалин дар ҷаҳон роҳи оҳани кӯҳии Земмеринг, водии Вахау, кӯли Нойзидлер-Зе; осори зиёди таърихии санъати меъморӣ, калисову дайрҳо ва ғ.

Тандурустӣ. Ба соҳаи тандурустӣ дар А. 8%-и ММД сарф мешавад. Дар мамлакат 320 беморхона, 36 ҳаз. духтур ба ҳисоб гирифта шудааст, ки 44%-и онро духтурони махсуси соҳавӣ ташкил медиҳанд.

Маориф. Дар А. соҳаи маориф бо қонунҳои махсус танзим мегардад. Ба ин соҳа 5,4%-и ММД равона карда мешавад. Дар мамлакат мактабҳо давлатӣ ва хусусианд. Наздики 10%-и мактабҳои ибтидоию хусусӣ ба Калисои католикии Рим тааллуқ доранд. Таҳсил дар мактабҳои миёнаи давлатӣ ройгон аст. Таҳсил аз 6-солагӣ шурӯъ шуда, 4 сол дар мактаби ибтидоӣ (Volksschule) ва 5 сол дар мактаби асосӣ (Hauptschule) анҷом дода мешавад ва ин маълумоти миёнаи нопурра ҳисоб меёбад. Маълумоти миёнаи пурраро хонандагон дар мактаби миёна ё гимназия мегиранд. Ҳоло дар А. қариб 4 ҳаз. мактаби ибтидоӣ ва 1,9 ҳаз. мактаби миёна амал мекунад. Дар мамлакат системаи омӯзиши касбӣ хеле равнақ ёфтааст ва муддати таҳсил дар онҳо 3 сол аст. Маълумоти олӣ бештар дар донишкадаҳои давлатӣ дода мешавад ва дар мамлакат 12 донишгоҳ, 6 академияи мусиқию санъат ва коллеҷҳо мавҷуданд. Калонтарин донишгоҳҳо: Донишгоҳҳои Вена (1365), Гратс (1585) ва Инсбрук (1669). Таҳсил

дар донишгоҳҳои А. то с. 2001 ройгон буд, чанд муддат баъди таъсиси муассисаҳои таълимоти олии хусусӣ пулакӣ шуд ва аз с. 2009 боз бепул аст. Донишҷӯёни хориҷӣ дар як семестр 363,36 евро маблағ месупоранд. Таҳсили донишҷӯёни раводиди дарозмуддат дошта ва муҳассилини Донишгоҳи Вена – шаҳрвандони Арманистон, Белоруссия, Гурҷистон, Қазоқистон , Молдова, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Украина ва Ӯзбекистон бепул аст.

Дар А. системаи (шабакаи) махсуси китобхонаҳои миллӣ (наздики 2600 адад) ба роҳ монда шудааст. Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи миллии Австрия (наздики 6 млн воҳиди хазинавӣ) 2,6 млн нусха китобҳо – коллексияҳои махсуси китобҳои нодир, дастхатҳо, асарҳои ба забони эсперанто эҷодшуда ва ғ. дорад. Китобхонаҳои донишгоҳҳои Вена ва Гратс дорои фондҳои бузурганд.

Осорхонаҳои асосии мамлакат дар Вена воқеанд: Нигористони Академияи санъати тасвирӣ, Хазинаи Габсбургҳо дар маҷмааи Хоббург (мусаввараҳо, сиккаҳо, силоҳ, сарулибос, гардунаҳо ва ғ.), Осорхонаи созҳои мусиқӣ, Осорхонаи таърихи санъат, Нигористони Албертин (бойтарин дар ҷаҳон маҷмӯи расмҳо ва асарҳои графикӣ), Нигористони Белведер (мусаввараҳои беҳтарин), Осорхонаи санъати муосир. Дар А. як қатор осорхонаҳои мавзӯӣ: санъати барокко, санъати аспсавории испанӣ, театр, ҳарбӣ, таърихи трамвай, техникӣ ва ғ. мавҷуданд. Музейи давлатии яҳудиён дар Эйзенштадт ғанитарин экспозитсияи Европа оид ба таъриху санъати ин халқ ҳисоб меёбад. Дар А. музейҳои мемориалӣ (ёдгорӣ) зиёданд: музейҳои Л. Бетховен, И. Гайдн, В. Мотсарт, Ф. Шуберт, З. Фрейд, И. Штраус ва ғ.

Илм. Дар А. ба инкишофи илм диққати махсус дода мешавад. Бо тадқиқоти илмҳои фундаменталӣ Академияи илмҳои Австрия (с. таъсисаш 1847), донишкадаҳо, коллеҷҳои махсусгардонидашуда, ин-тҳои тайёрии касбӣ машғуланд. Муассисаҳои машҳури илмии мамлакат: Ин-ти марказии метеорология ва геодинамика, Ин-ти тадқиқоти геологӣ, Ин-ти федералии тадқиқоти соҳаи тандурустӣ, Агентии федералии тадқиқоти муҳити зист. Ин-тҳо ва марказҳои тадқиқотии хусусӣ низ ҳастанд. Муассисаҳои тадқиқотии А. бо бисёр марказҳои илмии давлатҳои Иттиҳоди Европа – Агентии тадқиқоти коинот дар Европа, Ташкилоти европоии тадқиқоти ядроӣ, Лабораторияи биологияи молекулярии Европа, ЮНЕСКО ва ғ. равобити илмӣ дорад. Дар Вена Агентии байналхалқии энергияи атом (МАГАТЭ) мавҷуд аст, ки бо ибтикори он ду лабораторияи илмӣ–тадқиқотии физикаи ядроӣ таъсис дода шудааст.

Матбуот, радио, телевизион. Дар А. матбуоти даврӣ хеле инкишоф ёфтааст. Рӯзе 3 млн нусха рӯзнома (беш аз 20 номгӯй) нашр мешавад; машҳуртаринашон: «Neve Kronenzeitung», «Kurier», «Kleine Zeitung Graz». 2788 маҷалла ба табъ мерасад (аз ҷумла, «Die Ganze Woche», ҳафтавор, 352 ҳаз. нусха; «News», 276 ҳаз. нусха). Агентии миллии иттилоотӣ – Агентии матбуотии Австрия мебошад. Радиошунавонӣ ва телевизион дар А. аз ҷониби Компанияи «Osterreichischer Rundfunk» (ORF) идора мешавад. 163 пойгоҳи радио, 45 шабакаи телевизионии давлатӣ ва телевизиони тиҷоратии «ATV» фаъолият доранд.

Адабиёт. Адабиёти А. а. 12 ба вуҷуд омадааст. Адабиёти динӣ ба забони лотинӣ инкишоф меёфт. «Достони Нибелунгҳо» ба давраи нашъунамои маданияти ритсарии Вена тааллуқ дорад; дар а-ҳои 12 – 13 миннезингерҳо (ғазалсароёни ритсарӣ) шӯҳрат доштанд. Асарҳои Валтер фон дер Фогелвейде (1170 – 1230) бо сурудҳои халқӣ алоқаи қавӣ доштанд. Дар ин давра насри ҷавонмардӣ низ ривоҷ ёфт («Дар хидмати бону»-и У. фон Лихтенштейн). Дар а-ҳои 13 – 14 адабиёти ҳачвии бюргерӣ пайдо шуд (достонҳои кӯтоҳи ҳачвӣ – шванка). Шоир, драматург ва муаррих Конрад Тселтис (1439 – 1508) ифодакунандаи ғояҳои давраи Эҳё дар адабиёти А. гардид. Адабиёти а. 16 зери таъсири сиёсати Габсбургҳо ва католитсизм буд. Дар ин давра мистерияҳо ва драмаҳо бештар дар мавзӯъҳои динӣ гузошта мешуданд. Дар а.-ҳои 17 – 18 Й. Странитский дар асарҳои худ анъанаҳои реалистии театри халқиро инкишоф медиҳад. Дар ох. а. 19 – авв. а. 20 ба адабиёт ҷараёнҳои навтарини фалсафӣ – *махизм* ва *фрейдизм* роҳ ёфтанд. Ҷараёни асосии нимаи авв. а. 19 *романтизм* гардид. Романтизми А. дар эҷодиёти драматург Ф. Грилпарсер хусусияти хоси миллӣ пайдо кард. Романтизми инқилобӣ дар назми Н. Ленау бештар зоҳир гардид. Пайдоиши реализм дар наср ба с-ҳои 50 а.19 мансуб аст (роман ва новеллаҳои А. Штифтер). Фалсафаи субъективии идеалистии Э. Мах равияи «модерн»-и Венаро ба вуҷуд овард (Г. Бар, П. Алтенберг, Р. Шалкал, Г. Гофманстал, А. Шнитслер). Дар ибт. а. 20 лирикаи Р. М. Рилке ва Г. Тракл ба авҷи инкишоф расид. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар адабиёти А. *экспрессионизм* мавқеи асосӣ ишғол кард. Экспрессионистҳои тараққипарвар дар атрофи Ф. Верфел ва Э. Фридел , экспрессионистони иртиҷоӣ дар атрофи М. Брод ҷамъ омаданд. Дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ эҷодиёти пурихтилофи Ф. Кафка, Р. Музил, Г. Брох ва И. Рот инкишоф меёбад. Романи ҳачвӣ (Э. Канетси, Г. Мейринк) нашъунамо мекунад. Эҷодиёти С. Свейг, ки устоди новеллаҳои психологӣ буд, ба с-ҳои 20 а. 20 тааллуқ дорад. Дар давраи зӯран ба Германияи фашистӣ ҳамроҳ кардани А. бисёр нависандагони пешқадам муҳоҷират карданд (Рот, Музил, Свейг, Брох). Адабиёти А. баъди аз истилои фашистӣ озод шудан ба давраи нави инкишоф қадам ниҳод. Ғояҳои пешқадам дар эҷодиёти Б. Фрей, Г. Гуперт, Э. Пистер садо медиҳанд. Дар с-ҳои 50 – 60 а. 20 насрнависони бомаҳорат Х. Айзенрайх, Ф. Гумлер, Ф. Каин, шоирон И. Бахман, А. Окопенко, Г. Артман, В. Шмид ба арсаи адабиёт қадам ниҳоданд. Солҳои 60 а. 20 тамоюлҳои авангардӣ авҷ гирифтанд. Ба инқилоби идрокии ҷавонони ин давр асарҳои Т. Бернхард ва П. Хандке ҳамоҳанг буданд. Минбаъд ба адабиёти А. бештар мавзӯъҳои шахсӣ , азиятҳои рӯҳии қаҳрамонон ворид шуданд. Дар ох. а. 20 – авв. а. 21 адибон ба суннату арзишҳо ва анъаноти гузашта рӯй меоварданд (К. Райесмар, П. Туррини). Мубориза барои баробарии ҳуқуқи занон бо мардон дар насри Б. Фришмут ва Э. Елинек мушоҳида мешавад. Элфрида Елинек с. 2004 соҳиби Мукофоти Нобел гардид .

Меъморӣ, санъати тасвирӣ. Дар А. ёдгориҳои санъати давраи ибтидоӣ («Зӯҳраи виллендорфӣ», палеолит; тамсилаи гардунаи маданияти давраи галштат, Штирия) ва мансуби маданияти Рими Қадим (боқимондаи харобаҳои назди Клагенфурт ва Петронел), маданияти асримиёнагии романӣ (а-ҳои 11 – 13, калисоҳои Гурке ва Зеккау) ва *готика* (а-ҳои 13 – 15, калисои ҷомеи Стефани валӣ дар Вена) боқӣ мондаанд. Дар ин давраҳо омезиши маданияти немисҳо, италиявиҳо ва венгерҳо мушоҳида мешавад. Маданияти давраи Эҳё, ки а. 15 дар мехробҳои калисо (М. Пахер) зуҳур мекард, дар а. 16 инки-

шоф ёфт (биноҳои шаҳрҳо, қасрҳо, муҷассамаҳои офаридаи А. Пилграм, мусаввараҳои В. Хубер). Ривоҷи санъати А. ба услуби *барокко*и а-ҳои 17 – 18 алоқаманд аст (меъморон И. Б. Фишер фон Эрлах, Л. Хилдебранд, муҷассамозон Б. Пермозер, Р. Доннер ва диг.). Дар а. 19 дар меъморӣ *классисизм* ба *эклектизм* ва нақшу ороиши зоҳирӣ (Г. Земпер, К. Харенауэр), дар наққошӣ ба самимияти романтикӣ (И. А. Кох, М. Швинтс) иваз мешавад. Дар а-ҳои 19 – 20 услуби «модерн» (меъморон Й. Олбрих, О. Вагнер, Й. Хофман, наққош Б. Клинт) ба вуҷуд омада, баъд дар меъморӣ мавқеи худро ба функсионализми замонавӣ дод (А. Лоз, Й. Франк, Р. Райнер). Дар меъмории муосир бинои Агентии байналхалқии энергияи атом (МАГАТЭ) ва Viena International Center – дар Вена зуҳуроти олии ин ҳунаранд. Дар наққошӣ ва графика реализми тахайюлӣ (Э. Шилс, О. Кокошка, А. Кубин), дар муҷассамасозӣ – *абстраксионизм* (Ф. Вотруба) инкишоф ёфтанд. Г. Хелнвайн, А. Райнер ва Ф. Хундертвассер рассомони машҳури ҳозира мебошанд.

Мусиқӣ ва театр. Хусусияти маданияти мусиқии А. ба сермиллатии ҳайати он ва таъсири маданияти мухталиф, аз ҷумла маданияти мусиқии германӣ, чехӣ, маҷорӣ, хорватӣ, италиявӣ ва ғ. вобаста мебошад. Маданияти мусиқии халқии А.-ро аз ибт. асрҳои миёна ҳофизони оворагард (штилманҳо), баъд вагантҳо – мактабиён, роҳибон ва муаллимони калисоҳо паҳн мекарданд. Нахустин асарҳои бисёровозаи халқӣ ох. а. 14 ба миён омадаанд. Дар ибт. а. 16. намоишҳои оммавии донишҷӯён якҷоя бо хор ва рақс ба ҳукми анъана медарояд. Солҳои 40 а. 17 дар Вена операи «дарборӣ» ба вуҷуд омад. Дар саҳнаи театри императорӣ (с. таъсисаш 1652, ҳоло Бургертеатер) операҳои бастакорони италиявӣ (А. Чести, Н. Порпора, А. Салйери ва диг.) гузошта мешуданд. Дар а. 17 сурудҳои ба ном «демократӣ» ва мусиқии созӣ инкишоф ёфт. Дар байни композиторони бузурги а. 18 И. Фукс мавқеи намоён дорад. Комёбии олитарини маданияти мусиқии А. дар давраи маорифпарварӣ бо равияи классикии Вена (аз нимаи дуюми а. 18) алоқаманд аст, ки асосгузори он К. В. Глюк, И. Гайдн, В. А. Мотсарт ва Л. Бетховен буданд. Ф. Шуберт дар нимаи якуми а. 19 саромади равияи романтикӣ дар мусиқии А. гардид. Намояндаи романтизми сонӣ Г. Волф дар нимаи дуюми а. 19 жанри сурудро инкишоф дод. Композитори барҷастаи симфониянависи австриягӣ А. Брухнер ҳамроҳи бастакори немис И. Брамс дар инкишофи мусиқии симфонии Европа нақши муҳим бозид. А. ватани *валс* аст (а. 19, Й. Ланнер ва авлоди Штраусҳо). Дар а-ҳои 19 – 20 машҳуртарин намояндаи мусиқии симфонии Вена Г. Малер буд, ки ғояҳои инсонпарварӣ ва навоварии ӯ ба инкишофи жанри симфонӣ таъсири калон расонданд. Аз ҳунармандони замони охири санъати мусиқӣ Й. Завинула (намояндаи поп ва рок-мусиқӣ) ва Томас Ланг (созҳои зарбӣ) хеле машҳуранд.

Ду ҷанги ҷаҳониро паси сар карда театр дар А. асосии эҳёи рӯҳии мамлакат гардид. Соли 1920 дар Залтсбург Фестивали якуми байналхалқии театр кушода шуд, ки онро «Маккаи театрӣ»-и Европа меномиданд. Режиссёр М. Рейнхардт анъанаҳои театри халқии австриягиҳо ва театри калисоиро ба ҳам оварда, дар «Театер ин дер Йозефштадт»-и Вена татбиқ кард ва ин услуб то ба имрӯз роиҷ аст (реж. Х. Лонер). «Пйесаҳои халқӣ»-и Э. фон Хорват, Ф. Чокора, Ф. Хохвелдер, драмаҳои пурэҳтироси Ф. Верфел, Ф. Брукнер, пйесаҳои психологии А. Шнитслер, мистерияҳои Гофманстал, Ф. Браун, А. Беннинг дар даҳсолаи ох. а. 20 дар ҷаҳон эътироф шудаанд. Дар А. санъати балет низ хеле инкишоф ёфтааст (аз а. 16 маншаъ мегирад). Дар саҳнаи «Театер ан дер вин», «Фолксопер» асарҳои бузурги ҷаҳонӣ гузошта мешаванд. Ҳунармандони машҳури соҳаи балет оилаҳои Френсл, Биркмайер, Музил, Э. Брекснер. мебошанд. Ҳамаи шаҳрҳои калони А. театрҳои худро доранд.

Кино. Аввалин кинотеатр дар Вена с. 1903 кушода шудааст. Режиссёрон А. Колм ва Я. Флек нахустин филмҳои кӯтоҳметражи худро таҳия кардаанд. Нимаи авв. с-ҳои 20 а. 20 санъати кинои А. рӯ ба тараққӣ ниҳод («Шоҳзода ва Гадо», 1920; «Самсон ва Далила», 1922); с-ҳои 30 филмҳои мусиқӣ таҳия мешуданд («Муҳаббати бузург», 1932). Солҳои ғасби А. аз ҷониби Германия истеҳсоли филмҳо қатъ гардид, вале баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз нав нерӯ гирифт. Мисли пештара бештар филмҳои мусиқӣ, баъдтар филмҳои тарҷумаиҳолӣ, мелодрамаҳо, филмҳои мазҳакавӣ ва детективӣ наворбардорӣ мешуданд. Солҳои 60 а. 20 соҳа каме таназзул карда, с-ҳои 70 – 80 боз равнақ ёфт (филмҳои «Афсонаҳои бешазори Вена», 1979, реж. М.Шелл; «Ралф», реж. К. Бергер, «Кишвари дур», реж. Л. Бонди). Максимилиан ва Мария Шелл, О. В. Фишер, Р. Шнейдер, Х. Бергер актёрони шӯҳрати ҷаҳонидоштаи санъати кинои А. мебошанд. Филмҳои машҳури солҳои охир: «Бозиҳои шавқовар» (1957), «Пианинонавоз» (2001). Дар шаҳри Велси А. ҳар сол «Рӯзҳои кинои Австрия», дар Вена кинофестивалҳои байналхалқӣ гузаронида мешаванд. Яке аз бузургтарин осорхонаи санъати кинои Европа ва киноархиви А. дар Вена ҷойгир аст.

Ад.: Салковский О. В., Австрия, М., 1959; Страны и регионы мира 2003: экономико-политический справочник (под ред. А. С. Булатова), М., 2003; Новая Российская Энциклопедия, М., 2005; Страны мира, М., 2008.

Х. Муҳаббатов.

АВСТРИЯГИ́ҲО (худашон остеррайхер мегӯянд), халқ, аҳолии асосии Австрия. Шумораи умумиашон дар



Австрягиҳо дар либоси миллӣ..

ибт. а. 21 – 8, 8 млн. нафар. Дар Австрия 7, 15 млн. нафар, боқӣ дар Италия, Канада, ШМА ва кишварҳои ҳамсояи Австрия зиндагӣ доранд. Ба шеваи австриягии забони немисӣ сухан мекунанд. Алифбояшон лотинист. Аксарияташон эътиқодманди католик ва боқӣ протестантанд. Мусулмонҳо низ ҳастанд. Таркиби этникии А. аз қабилаҳои германиягиҳои қадим – баварҳо, алеманнҳо ва инчунин келтҳо, ретамҳо ва иллириҳо ба вуҷуд омадааст. Аксарияти А. дар шаҳрҳои саноатӣ зиндагию кор мекунанд, қисмати камтарашон ба чорводорию кишоварзӣ машғуланд. Навъи оила – нуклеарӣ.

Ад.: Полтавский М. А., Становление и развитие австрийской народности, «Вопросы истории», 1983, № 3; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005.

Б. Раҳматов.

АВТО… (юн. autos – худ), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) мансубият ба худи шахс, кори худиҷрокарда (автопортрет, автограф, автореферат); 2) мансубият ба автомобил (мас., автовокзал, автодром); 3) таҷҳизот ва ё олоти худкор, автоматӣ (мас., автогрейдер, автоблоконӣ).

АВТОБЛОКОНӢ, ба таври автоматӣ тағйир додани реҷаи кори мошин, асбоб, система (ҳатто то пурра қатъ намудани фаъолият), ки дар натиҷаи ногаҳон вайрон шудани шароити мӯътадили амалашон ба вуҷуд меояд; маҷмӯи воситаҳои техникӣ, ки чунин тағйироти реҷаи кориро амалӣ месозанд. А. дар корхонаи саноатӣ ва нақлиёт барои муҳофизати кормандон, таҷҳизот ва муҳити зист дар ҳолати ба вуҷуд омадани вазъияти садамавӣ ё нодуруст амал кардани ашхоси хизматрасон, барои пешгирӣ намудани истеҳсоли моли нуқсондор, ҳангоми нодуруст кор кардан ё шикастани мошинҳо, таъминоти бехатарии ҳаракат дар нақлиёт, ҳифзи объектҳои муҳофизатшаванда истифода мешавад. *Т. Ҷӯраев.*

АВТО́БУС (мухтасар аз автомобил ва омнибус), автомобилест барои кашондани зиёда аз 8 нафар мусофир. А.-и дарозиаш аз 5,5 м кӯтоҳтарро микроавтобус меноманд. Бори нахуст А.-ро с. 1801 Ричард Тревитик дар Англия сохта, ба намоиш гузошт, ки он бо муҳаррики буғӣ ба кор андохта мешуд ва 8 мусофирро кашонда метавонист. А.-и электрикӣ с. 1886 дар Лондон сохта шуд, ки суръати ҳаракаташ 11,2 км/соатро ташкил медод. А.-и муҳаррикаш дарунсӯзи бо бензин коркунанда бори нахуст дар Германия дар з-ди «Бентс» сохта шудааст (1894 – 95). А.-и мазкур 8 нафар мусофир кашонда метавонист. Нахустин А.-и муҳаррикаш дарунсӯзи шаҳрӣ с. 1903 дар Лондон бо сайрхати муайян ба ҳаракат даромад. Дарозтарин сайрхати А. ш. Горно-Алтайски Россияро бо ш. Фрайбурги Германия мепайвандад, ки дарозии он 6500 км мебошад. Барои тай кардани ин роҳ А. 5 шабонарӯз ҳаракат мекунад. Калонтарин А.-и бисёрузва (истеҳсоли «ДАФ Супер Сити Трейн») 32,2 м дарозӣ дошта, дар салони якуми он 110 ҷойи нишаст ва 140 ҷойи ист, дар салони дуюмаш 60 ҷойи нишаст ва 40 ҷойи ист мавҷуд аст. Лоиҳаи онро собиқ Президенти Заир Мобуту Сере Секо кашида буд. Вазни автобуси мазкур 28 т аст.



Автобуси КАвз-3976



Автобуси Точикистон-5



Автобуси Икарус -280 М



Автобуси ЛАЗ (Аэро 12)



Автобуси ЛиАЗ-5256



Автобуси Мерседес-Бенс- 0303

А.-и калонтарини олам с. 1981 сохта шудааст, ки он дуошёна ва чортира мебошад; андозааш 17×4,5×4,5м, 342 мусофир мекашонад. Он бо телетрап муҷаҳҳаз буда, барои кашондани мусофирон аз бинои фурудгоҳ то самолети «Боинг-747» пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ҷой ва мақсади истифода А.-ҳо шаҳрӣ, боркашон (боркашону мусофиркашон), байнишаҳрӣ, хизматӣ, сайёҳӣ, шахтавӣ, мактабӣ (барои кашондани бачагон) ва ғ. мешаванд. А.-ҳоро аз рӯи дарозӣ ба хеле хурд, хурд, миёна, калон ва хеле калон; аз рӯи сохт ба пешмотор, ақибмотор, миёнамотор, капотдор, бекапот, пастфарш, баландфарш, бисёрузва, якошёна, якунимошёна, дуошёна, нимядак ва ядакӣ тақсим мекунанд. Дар Тоҷикистон А. барои мусофиркашонии байнишаҳрӣ ва дохилишаҳрӣ истифода мешавад. Феълан (2010) дар ш. Душанбе 280 А. ва 34 хатсайри А. мавҷуд аст, ки дарозтарини он (19,8 км) хатсайри №18 Майдони сарҳадчиён – шаҳраки Гипрозем мебошад. Истеҳсоли А. дар зиёда аз 100 шаҳри дунё, аз ҷумла дар ш. Чкаловски ҶТ ба роҳ монда шудааст. Марти с. 1958 Вазорати мошинсозии миёнаи СССР, ки Комбинати кӯҳкорию химиявии Ленинобод тобеи он буд, истеҳсоли А.-ҳоро барои кашондани коргарони объектҳои вазорат дар з-ди таъмири автомобилҳои Чкаловск оғоз кард. Нахустин А.-е, ки аз қисмҳои аз Каунас овардашуда сохта шуд, «Тоҷикистон-1» ном гирифт. Соли 1960 теъдоди ин навъ А.-ҳо ба 112 расонида шуд ва то с. 1978 истеҳсол карда мешуданд. Соли 1970 дар асоси шассии ГАЗ-52-01 ва кузови металлии бутун истеҳсоли А.-и навъи «Тоҷикистон-2» ба роҳ монда шуда, худи ҳамон сол 24 А.-и навъи мазкур истеҳсол гардид. А.-и мазкур торафт такмил ёфта, с. 1973 навъи «Тоҷикистон-2А», с. 1974 «Тоҷикистон-2Б», с. 1975 «Тоҷикистон-5», с. 1982 «Тоҷикистон-3205» истеҳсол гардиданд. Соли 1986 барои бартараф кардани оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи атомии Чернобил зиёда аз 50 адад А.-и махсуси «Тоҷикистон» бо системаи вентилятсияи маҷбурӣ, деворҳои сурбӣ, курсиҳои паст ва дарзҳои ҳавоногузар аз вақти гирифтани супориш дар муддати хеле кӯтоҳ

– ҳамагӣ 15 рӯз сохта, ба мавзеи садамафиристода шуданд. Соли 1991 дар сехи таҷрибавии завод намунаи «Тоҷикистон-4309» сохта шуд. Аз с. 1992 истеҳсоли А. дар завод коҳиш хӯрд, зеро харидори асосӣ – Россия бинобар дур будани ҷойи истеҳсол аз хариди А.-ҳо даст кашид. Феълан дар завод соле то 5 – 10 А. истеҳсол карда мешавад. *А. Турсунов.*

АВТОВОКЗА́Л (аз *авто* ва *вокзал*), маҷмӯи иншоот барои хизматрасонии мусофирон ба воситаи автобусҳои байнишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ. Дар шаҳрҳои калон А.-ро дар мавзеи охирини хатсайри нақлиёт месозанд. Автовокзали марказии ш. Душанбе с. 1978 бунёд гардидааст. Он дар Осиёи Миёна аз нигоҳи сохтмон нодир ва калонтарин иншоот ҳисоб ёфта, аз ин ҷо ба аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, шаҳрҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рафтуомади нақлиёт сурат мегирифт. Соли 2007 бинобар хусусигардонии Терминали мусофиркашии ш. Душанбе Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Автовокзали Душанбе» таъсис ёфт. Он (2010) дорои 24 хатсайр буда, дар як шабонарӯз ба 10 ҳаз. мусофир хизмат мерасонад. А. бинои маъмурӣ, шӯъбаҳои хизматрасонӣ, толори мусофирон барои 1200 кас, толори истироҳати ронандагон барои 180 кас, шӯъбаи алоқа, нуқтаҳои чиптафурӯшӣ, нигоҳдошти борҳои дастӣ, ҷойи дастурӯшӯй, ҳуҷраи модару кӯдак, қаҳвахона, ошхона ва нуқтаҳои хизмати маишӣ дорад. Дар А. 32 нафар коргар, 65 нафар ронандаи нақлиёти мусофиркаш ва 56 нафар соҳибкор фаъолият доранд.
Ҳ. Садиров.



Автовокзали Душанбе

АВТОГЕНЕ́З (аз *авто*… ва юн. genesis – пайдоиш), таълимоте, ки эволютсияи (таҳаввули) организм (инкишофи олами органикӣ)-ро фақат аз таъсири омилҳои дохилӣ (чун раванди новобаста ба шароити беруна) вобаста медонад. А. дар назарияи Ж. Б. Ламарк ба мушоҳида мерасад. Ғояи А.-ро бештар олимони зоолог К. Бэр, А. Келликер, Л. С. Берг, ботаникҳо К. Негели ва С. И. Коржинский, палеонтолог Э. Коп, генетикҳо Х. де Фриз ва Ю. А. Филипченко тарғиб мекарданд. Аз рӯи консепсияи А.-ӣ мавҷудоти зинда хусусияти пешакӣ маълум ва бомақсад дорад. А. хилофи назарияи интихоби табиӣ аст. А.-ро Ч. Дарвин, А. Вейсман, К. А. Тимирязев танқид карданд.

АВТО́ГРАФ (аз *авто*… ва юн. grapho – менависам), 1) соядаст барои хотира аз муаллифи асар; 2) матни бо дасти худи муаллиф навишташуда, дастнавис. А. маъхаз ва сарчашмаи мӯътабар буда, коргоҳи эҷодии ҳар як муаллиф ҳисоб меёбад. Дар асоси он матни саҳеҳ, боэътимод ва нусхаҳои аслии осори нависандагон, санъатварону олимон ва ходимони давлатӣ муайян ва ба чоп ҳозир карда мешаванд. А. дар илми матншиносӣ яке аз маъхазҳои асосӣ ба шумор меравад. А.-и аксар адибон ва суханварону донишмандони гузаштаи форсҷӯйик то замони мо нарасидаанд. Дар Ин-ти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон «Маҷмӯаи муросалот» таҳти № 2178 маҳфуз аст, ки дар он 337 мактуби бо дастхати Абдурраҳмони Ҷомӣ навишташуда ҷой гирифтаанд. Дар аксар китобхонаҳои дунё, аз ҷумла дар ин-тҳои шарқшиносии АИ Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон ва ғ. бо баъзе дастнависҳои гузаштагони форс-тоҷик низ дучор омадан мумкин аст. А.-ҳоро дар бойгонии давлатии адабиёт ва санъат, дар ганҷинаи дастнависҳои китобхонаҳои оммавӣ, осорхонаҳо, ин-тҳо ва ғ. нигоҳ медоранд, ки дар Тоҷикистон ба ин гуна кор Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ машғул аст. Баъзе А.-ҳои адибону санъаткорони чудогонаро дар осорхонаҳои шахсиашон (ба монанди осорхонаҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Р. Ҷалил, М. Раҳимӣ, З. Шаҳидӣ, М. Аминзода ва «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров») маҳфуз медоранд. Дар бойгонии давлатии ҶТ шӯъбаи адабиёт ва санъат вуҷуд дорад, ки дар он мероси санъаткорон хеле кам ҷамъоварӣ мешаванд. А.-и нависандагон ва олимон дар варақаи аввали китоб ҳамчун ёдгорӣ низ сабт мешавад. *С. Табаров.*

АВТОГРЕ́ЙДЕР (аз *авто*…ва грейдер), мошини худгарди чархдор, ки барои ҳамвор кардани хоктӯда, ҷойгардон, шиббаю мусаттаҳ кардани замину масолеҳи роҳсозӣ, кофтани ҷӯй


Автогрейдер ҳангоми кор.

ҳангоми сохтмону таъмири роҳ, канали обёрӣ ва ғ. истифода мешавад. Қисми кории А. хокгардон ва кафлесметин мебошад. А. бо асбобҳои муовизи мошинҳои дигар – булдозер, барфтозакунак ва ғ. низ ҷиҳозонида мешавад.

АВТОИОНИЗА́ТСИЯ, ҳолатҳои ангехтаи молекулаҳо, атомҳо (A^*) ва ионҳо $(A^+)^*$, ки энергияи ангезиши онҳо барои ионизатсияи худ аз худ (спонтанӣ) имкон медиҳад, мас., $A^*=A^*+e$, $(A^+)^* - A^{++}+e$. Ин ҳолатҳо дар зарраҳои адади дараҷаи озодиҳояшон калон (атомҳову молекулаҳои бисёрэлектрона) ба вуҷуд меоянд. Вақти нимкоҳиши А. аз даври хоси чархзании электрон дар мадори атомӣ (барои қишри электронии беруна $\tau \sim 10^{-16}$с) хеле бузург аст, чунки эҳтимолияти ҷамъшавии энергияи ангезиш дар як электрон дар системаи адади дараҷаҳои озодиашон калон кам мебошад. А. дар газҳо ва моддаҳои конденсатсияшуда зери таъсири намудҳои гуногуни афканишот (ултрабунафш, шуоъҳои рентгенӣ, дастаҳои электронӣ ва ионҳои энергияашон ба таври кофӣ баланд) ба вуҷуд меояд.

АВТОКЛА́В (аз *авто*… ва лот. clavis – калид), дастгоҳи ҳавоногузарест, ки дар он равандҳои гуногуни физикию химиявӣ дар ҳарорат ва фишори баландтар аз ҳарорату фишори атмосферӣ гузаронида мешаванд. Дар чунин шароит суръати равандҳо афзуда, маҳсулоти онҳо меафзояд. А. дар саноати химия, гидрометаллургия, резин, масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ (ҳангоми тайёр кардани консерву витаминҳо), дорусозӣ ва ғ. васеъ истифода мегардад. А. вобаста ба соҳаи истифода бо ҳарорат ва фишори гуногун кор карда, бо манометр, термометр, соат ва ғ. таҷҳизонида мешавад. А. дар фишори то 150 МПа ва ҳарор. то 500°С кор карда, ғунҷоишаш аз даҳҳо $см^3$ то садҳо $м^3$-ро ташкил медиҳад.

АВТОКО́Д (аз *авто…* ва код), забони содаи барномасозӣ. А.-и навъи 1:1, ки ҳар як рамзи он ҳангоми ба забони мошинӣ гузаронидан ба як амри ҳисобмошини рақамӣ табдил меёбад, бештар маъмул аст.Ниг. *Забони барномасозӣ*.

АВТОКРА́ТИЯ (юн. autokrateiautos – autos – худам, kratos ҳокимият), шакли идоракунӣ, ҳукмронии номаҳдуди як шахс дар давлат (ниг. *Мутлақият*). А. чун сохти сиёсӣ, ки дар шароити он тамоми ҳокимияти олӣ дар ихтиёри ҳокими мутлақ аст, ба монархияҳои истибдодии давлатҳои Шарқи Қадим, ҳукмронии мустабидона дар Юнони Қадим, империяҳои Рим ва Византия хос буда, ба зурӣ ва яроқ такя мекард. Дар давраи истибдоди фашистӣ А. яке аз зуҳуроти ҳокимияти номаҳдуд ва худсарии шахсии Гитлер (дар Германия) ва Муссолини (дар Италия) барин диктаторҳо буд.

АВТО́Л (аз *авто…* ва лот. ol (eum) – равған), р а в ғ а н и м о т о р, равғани минералие, ки барои равған кардани муҳаррикҳои дарунсӯзи карбюраторӣ истифода мешавад. А.-ро равғани автотракторӣ низ меноманд. А. дар об ҳал намешавад, дар бензин, карасин ва солярка нағз ҳал мешавад. Бо равған омехта мегардад. А. аз рӯи ғализӣ ва тариқи тоза кардан ба навъҳои гуногун ҷудо мешавад. А.-ро бо кислотаи сулфат тоза ва гурӯҳбандӣ мекунанд, мас., АК-6, АК-15, АКЗп-6, АКЗп-10. А. вобаста ба навъи муҳаррик автомобилӣ, тракторӣ ва ғ., ҳамчунин баҳорӣ, зимистонӣ ва ғ. мешавад.

АВТО́ЛИЗ (аз *авто…* ва юн. lysis – вайроншавӣ, таҷзия), а у т о л и з, худ аз худ вайрон шудани бофтаҳои ҳайвонот, растанӣ ва микроорганизмҳо. Ҳангоми А. аз таъсири ферментҳои гидролизии ҳуҷайра сафедаҳо, карбогидратҳо ва чарбҳо таҷзия мешаванд. Дар организмҳои зинда А. дар қисмҳои мавтгашта ва ҳуҷайраҳои омоси саратонӣ ба мушоҳида мерасад. Дар растаниҳо А. дар натиҷаи аз ҳарорати паст мавт гаштани ҳуҷайраҳо, зери таъсири моддаҳои заҳрнок (хлороформ, толуол ва ғ.), хушкидан, инчунин ҳангоми осеб ёфтани бофтаҳо ба амал меояд. А. ҳангоми пӯсидани ҷасад низ рӯй медиҳад. А.-и ҳуҷайраҳои микроб бинобар аз омилҳои физикавӣ, химиявӣ ва биологӣ осеб дидани микроорганизмҳо ба амал меояд. А. инчунин дар мавриди баъзе амалиёти технологӣ, мас., ферментатсияи тамоку, чой, тайёр кардани силос ва ғ. рух медиҳад.

АВТОМА́КС, навъе аз асбобҳои дорупошӣ. Барои дезинсексия ва дезинфексия истифода мебаранд. А. чанд хел мешавад: ОРП, ОРП-А, ОРП-В, ОРП-Г. А.- и ОРП аз доругирак, насос, рӯдаи резинӣ (дар нӯгаш дорупошак дорад) ва тасма иборат аст. Доругирак устувонашакл буда, дар дарунаш насос дорад, ки он аз боло бо мурват устувор карда шудааст. Дар сарпӯш манометр (барои назорат кардани фишор) ҷой гирифтааст. Дар зери доругирак штутсер ҳаст, ки рӯдаи резинӣ ба он пайваст карда мешавад. Доругирак аз паҳлу барои назорат кардани дору сӯрохӣ дорад. Ҳангоми поён кардани насос ҳаво ба клапан фишор оварда, ба доругирак мегузарад. Барои ба кор омода сохтани А. насосро аз доругирак ҷудо карда, то сӯрохии назоратӣ дору мерезанд. Баъд насосро ба ҷояш монда, мурвати онро сахт ва А.-ро бо ҳаво пур мекунанд. Барои кори А. 2 – 3 атм. ҳаво кофист. Барои ин миқдор ҳаво насосро тақр. 100 маротиба дам мекунанд. А.-ро дар тахтапушт гирифта кор мефармоянд. А. барои ба дарахтони мева пошидани доруҳои гуногун хеле мувофиқ аст. Асосан дар қитъаҳои хурд кор фармуда мешавад.

АВТОМА́Т (юн. automatos – худкор), 1) олот ё маҷмӯи олоту таҷҳизотест, ки аз рӯи барномаи додашуда иҷрои ягон амал ё равандро бе иштироки бевоситаи инсон анҷом медиҳад (мас, гирифтан, нигоҳ доштан, тағйир додан ва истифодаи маълумот, энергия ва маҳсулот). А. барои афзоиши маҳсулнокӣ ва сабук гардондани меҳнати инсон, идораи равандҳои ҳаракатнок ва ғ. истифода мешавад. Пайдарпайии амали А. ё дар сохти он пешбинӣ мегардад, ё аз берун бо ёрии сигнал (амр)-и идоракунанда ё барнома ба тавассути ҳомили маълумот (мас., лентаи магнитӣ ё диск) дода мешавад. А.-ҳои содатарин – афзору олоти худкор ҳанӯз дар даврaҳои қадим кор фармуда мешуданд. Аввалин соати фанардор низ аз А.-ҳои сода маҳсуб мешавад. А.-ро баъди ба кор андохтан гоҳ-гоҳ назорат кардан лозим меояд. А.-ҳо як даври амалиётро анҷом дода, ба иҷрои даври нав шурӯъ менамоянд. Мас., дар з-ди коркарди шир аз шуста омода сохтани зарфҳо то андохтани шир ва борпечкунии маҳсулоти тайёр, ҳамаи амалиётро А.-ҳо иҷро мекунанд. Аз рӯи вазифа А.-ҳо ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: А.-ҳои ченкунӣ, назорат, танзимкунӣ ва идоракунӣ. А. ва нимавтоматҳо дар саноати мошинсозӣ, саноати бофандагӣ, саноати хӯрокворӣ, кишоварзӣ, корҳои ҳарбӣ ва ғ. васеъ истифода мешаванд. Мас., он қисми тухмипошак, ки ҳангоми кишти пахта ба ҳар чукурча панҷдонагӣ чигит мегузорад, аз А.-ҳои одӣ мебошад. Дар а. 20 инкишоф ёфтани электроника боиси сохта шудани А.-ҳои электронӣ гардид. Сохти А.-ҳои ҳозиразмон хеле мураккаб буда, барои осон кардани фаъолияти инсон дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла дар рӯзғор имкон медиҳад. 2) Модели математикии афзори реалӣ ва ё абстрактӣ, ки маълумоти дисперсионирo табдил медиҳад. Ниг. низ *Назарияи автоматҳо*.

С. Содиқова.

АВТОМА́ТИ КАЛА́ШНИКОВ, силоҳи туфангии оташфишон, воситаи ҳарби наздикмасофа, ки барои маҳв намудани сипоҳи душман ё чиноятқорони алоҳида дар мавриди зарурӣ истифода бурда мешавад. Унвони ин навъи силоҳи оташфишон аз номи ихтирокунандаи аслиҳаи тирандозӣ, доктори илмҳои техникӣ Калашников М. Т. гирифта шудааст. Ин навъи силоҳашро Калашников М. Т. баъд аз ҶБВ с. 1947 ихтироъ карда, онро «7, 62 мм калибровый автомат Калашникова» (АК) номгузорӣ кард, ки худи ҳамон сол аксари қисмҳои низомии Армияи Советӣ бо он мусаллаҳ гардиданд. Дар асоси ин навъи силоҳ минбаъд танзими силоҳи калибри 7,62 оғоз шуд. Баъдтар А. К.-и 7,62-калибраи такмилёфта (АКМ) ва 7,62-калибра Пулемёти дастии Калашников (РПК)-и дугаззадор, дастгоҳӣ пошнавӣ (ПКС) ва насби танку мошинаҳои зиреҳдор (ПКТ) ихтироъ ва ба артиш вогузор гардиданд. Ҳоло аксаран шакли комилан такмилёфта ва борикмилу қундоққатшавандаи 5, 45-калибраи А. К. маъмул мебошад, ки АКС номгузорӣ шудааст. Дар ин навъи силоҳи оташфишон нерӯи гази борутӣ ҳангоми тирпаронӣ на танҳо барои такон додани тир, яъне



АК 7,62 мм.

ҳаракати пешравандаи он, балки барои аз нав ба тирпаронӣ омода шудан истифода мегардад. Яъне аввал бо фишори гази аз сӯхтани (таркиш) борут баамаломада тир аз мил берун меҷаҳад ва гази боқимонда ба воситаи найчаи махсуси поршендор затворро бо суръат ба қафо ҳаракат дода, кортусро аз тирхона берун меандозад ва бо қувваи пружина кулангдон (затвор) бозпас баргашта аз тирдон тири навбатиро ба тирхона равона менамояд. Ҳамин тавр тирпарониии мусалсал (автоматӣ) ба амал меояд. Бо ин навъи силоҳ метавонад тирпарониии инфиродӣ (якка) ва мусалсал сурат гирад. Дурии парвози тири А. К. 1,5 – 2000 м буда, дар 800 – 1000 м ҳадафи зиндаро махв месозад. Зарфияти тирдонаш 25 ва 30 тир. Навъи тирҳояш одӣ, тарканда, рахшон, оташзо, зиреҳшикофанда. *Б. Раҳматов.*

АВТОМА́ТИКА, соҳаи илму техника буда, назария ва қоидаҳои сохтани системаҳои идоракуниро, ки бе иштироки бевоситаи инсон амал мекунанд, дар бар мегирад. Ҳамчун илм А. дар асоси назарияи танзими автоматӣ ба вуҷуд омад. Ин назария дар заминаи корҳои Ҷ. К. Максвелл (1868), И. А. Вишнеградский (1872 – 78), А. Стодола (1899) ва диг. пайдо шудааст. А. ҳамчун фанни мустақил с-ҳои 40 а. 20 ташаккул ёфт. Инкишофи А. чун соҳаи техника ба тараққиёти автоматҳо, олоти автоматӣ ва маҷмӯъҳои автоматонида марбут аст. Дар зинаи ташаккулёбии худ А. ба механикаи назариявӣ ва назарияи занҷиру системаҳои электрикӣ такя мекард, ҳалли масъалаҳои танзими фишор дар дегҳои бухор, ҳаракати поршен дар мошинҳои буғӣ, суръати чархзании мошинҳои электрикӣ, идораи кори дастгоҳҳои автоматӣ ва ғ.-ро дар бар мегирифт. Дар нимаи дуюми а. 20 воситаҳои техникии А. бо роҳи татбиқи васеи олоти автоматонии идора ва ташаккули системаҳои боз ҳам мураккабтари автоматӣ инкишоф ёфт. Мас., А. дар саноат аз автоматонии агрегатҳои чудогона ба автоматонии маҷмӯии сехи з-дҳо гузашт. Барои идора кардани объектҳои аз ҳам дар масофаи дур воқеъгашта (мас., маҷмаъҳои азими саноатию энергетикӣ, системаи идораи аппаратҳои париши кайҳонӣ ва ғ.) А. аз принсипҳои телемеханика истифода менамояд. Дар зинаи ҳозираи инкишофи А. ҷойи назарияи танзими автоматиро назарияи таъмимшудаи идоракунии автоматӣ гирифтааст, ки ҳамаи чиҳатҳои назарияи А.-ро фаро мегирад ва асоси назарияи умумии идоракуниро ба вуҷуд меоварад.

АВТОМАТҲО́И САВДО́, олотест барои фурӯши мол ва пардохтҳои хизматрасонӣ. Ба воситаи автоматҳои савдо (ки ду навъ мебошанд: барои молҳои донабайъ, мас., рӯзнома, чиптаи нақлиёт ва барои шарбату обҳои ошомиданӣ) молҳои гуногун фурӯхта мешаванд. Сохти А. гуногун, вале усули корашон ба ҳамдигар мушобеҳанд. А. с. асосан аз тана, қуттии ашё, пулгирак, механизми молдиҳанда ва хазина иборат аст. Ҳангоми андохтани пул ба тавассути фотореле расиши электрикӣ ба амал омада, механизми молдиҳанда ба кор медарояд. Бори нахуст тавсифоти олоти автоматӣ барои фурӯши оби «муққаддас» ва дастшӯӣ дар асари Герон «Пневматика» оварда шудааст. Дар авв. а. 17 дар Англия олот барои фурӯши тамоку пайдо шуданд. Дар ибт. а. 20 мошинҳои савдо сохта шуданд, ки усули корашон ба А. с.-и ҳозира монанданд, вале онҳо механикӣ буда, бе қувваи электрик кор мекарданд. Истеҳсоли саноатии нахустин А. с. дар СССР с. 1956 оғоз шуд. Дар Тоҷикистон автоматҳои савдои барои фурӯхтани оби газдор ва рӯзномаҳо хеле маъмул буданд. Феълан дар ҶТ низ автоматҳои ғайрисавдо – автомати қабули пардохтҳо (пардохти хизматҳои коммуналӣ, телефон, аз ҷумла телефонҳои мобилӣ), банкоматҳо (ба таври автоматӣ гирифтани пул аз бонкҳо) зиёд гашта истодааст. Бартарии ин автоматҳо аз он иборат аст, ки онҳо бо тачҳизоти гелиотехникӣ (рӯшноии Офтоб) низ кор карда метавонанд. Аз ин рӯ, ин хизматрасонӣ нисбатан арзон буда, ба энергияи электр вобаста нест. Аппаратҳои электронии назоратии хазинавӣ низ А. с. ба ҳисоб мераванд. Автоматҳое, ки пул ва кортҳоро қабул мекунанд ва ба замми он соҳиби он бевосита аз мизоҷ пули нақд гирифта метавонад, А. с. маҳсуб намешаванд.



АВТОМАТОНИ́И БАРНОМАСОЗӢ, аз навиштани рамзи барномавӣ қисман ва ё пурра озод кардани одам, ки бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад: тавсияи олат барои ташаккул додан ва гузоштани масъала ба мошин (забони одам – мошин); пешниҳоди олати мазкур дар шакли истилоҳоти соҳаи тахассуси одам – амалгар; сохтани таҳлилгари маълумоти воридотӣ ва табдил додани маълумот ба забони мошин; ҷамъбаст намудани системаи баҳисобгирӣ ва таҳрири хатоҳои бавуҷудомада. Ниг низ *Барномасозӣ*.

АВТОМАТОНӢ, яке аз самтҳои пешрафти илму техника, истифодаи воситаҳои техникии худтанзимкунанда, усулҳои иқтисодию математикӣ ва системаҳои идоракунӣ, ки инсонро пурра ва ё қисман аз иштирок дар раванди бадастоварӣ, коркард ва истифодаи энергия, маҳсулот ё маълумот озод ва иштироки ӯро дар корҳои заҳматталаб хеле кам мекунад. Ҳадафи А.: баланд бардоштани самараи меҳнат, беҳтар кардани сифати маҳсулот, озод кардани инсон аз шароитҳои ба саломатиаш хавфнок, инчунин иҷрои корҳое, ки шароиташон барои инсон дастнорас аст. Равандҳои технологӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, илмию таҳқиқотӣ, молиявӣ ва ғ. автоматонида мешаванд. Дар ҷараёни А. истифодаи техникаи компютерӣ ва воситаҳои алоқа хеле муҳим аст.

АВТОМЕТАМОРФИ́ЗМ(юн. autos – худ ва metamorphosis – мубаддалшавӣ), тағйир ёфтани ҷинсҳои кӯҳии магмавӣ дар рафти сахтшавии он аз таъсири маҳлул ва моддаҳои бухоршавандаи магмаи сардшаванда.

АВТОМОБИ́Л (юн. *авто*… – худ ва лот. mobilis – ҳаракаткунанда), автомашина, намуди нақлиёт, воситаи нақлиётии худгарди берелс, ки барои ҳаракат дар сатҳи замин муқаррар шудааст. Воситаҳои нақлиётии дучархаи худгард, инчунин се ё чорчархаи худгард ба А.-ҳо шомил нестанд. Соли 1752 механики ҳаваскор, деҳқони губернияи Нижегород Леонтий Шамшуренков аробачаи худгардеро сохт, ки бо қувваи пойҳои ду одам ба ҳаракат меомад. Ихтироъкори рус И. П. Кулибин с-ҳои 1784 – 91 фойтуни худгарди се ва чаҳорчархаро сохт, ки дар он як қатор механизмҳо, аз ҷумла қуттии таҳвил, механизми рул, тормоз, подшипникҳои роликиро истифода бурд. Ин механизмҳо минбаъд такмил ёфта, дар А.-ҳои ҳозира низ истифода мешаванд. Пайдоиши мошини буғӣ барои ихтироъкорони А. имконияти калон ба вуҷуд овард. Солҳои 1769 – 70 Ж. Кюнйо дар Франсия, У. Мёрдок ва Р. Тревитик дар Англия А.-и буғӣ сохтанд. Ихтироъкорони рус низ лоиҳаҳои А.-ҳои буғиро пешниҳод карда буданд.

Дар ох. а. 19 барои сохтани А.-ҳои муҳаррикашон электрикӣ (бо энергияи батареяи аккумуляторҳо коркунанда) таҷрибаҳои зиёде гузаронида шуд. Муҳандиси рус И. В. Романов с. 1899 тарҳи фойтуни электрикиро пешниҳод кард. Ихтирои дифференсиал (с. 1828, О. Пеккёр, Франсия), шинаи пневматикӣ (1845, Р. Томпсон, Англия), чарҳҳои барандаи идорашаванда (1816, Г. Лангеншпергер, Германия) ва ғ. ба инкишофи автомобилсозӣ таъсири калон расонд. Ихтирои муҳаррики дарунсӯз А.-ро чун воситаи нақлиёт маъмул гардонд. Соли 1885 Г. Даймлер (Германия) мототсикли муҳаррикаш бо бензин коркунанда сохт, с. 1886 ҳамватани ӯ К. Бенс барои автомобили сечархаи чунин муҳаррикдор патент гирифт. Истеҳсоли асосии саноатии А. пеш аз ҳама дар Франсия равнақ ёфт. Автомобилҳои аввалини Франсия «Панар Левассор» ва «Де Дион-Бутон» с-ҳои 1890 пайдо шуданд. Соли 1892 Генри Форд (ШМА) аввалин А.-и худро сохт ва с. 1903 ба истеҳсоли саноатии он оғоз кард. Дар Россия с. 1908 аввалин А.-и «Руссо-Балт» сохта шуд. Аввалин А.-и шӯравӣ АМО-Ф 15 с. 1924 пайдо шуд. Соли 1932 дар СССР истеҳсоли серияги А.-и ГАЗ-А оғоз ёфт. Аз с. 1894 пойгаҳои автомобилӣ мунтазам гузаронида мешаванд, ки дар инкишофи автомобилсозӣ роли намоён бозид. Агар дар пойгаи аввалин суръати миёнаи А. 24 км/соат бошад, баъди 5 сол ин суръат ба 70 км/соат расид; с. 1904 суръати миёнаи А. ба 100 км/соат, с. 1907 ба 114 км/соат баробар шуд. Рекорди суръати А.-ро Э. Грини англис 15 окт. 1997 дар А.-и реактивӣ (Thrust 2 SSC) гузошт, ки он ба 1229,78 км/соат баробар аст. Аз рӯи таъйинот А. нақлиётӣ, махсус ва пойгавӣ мешавад. А.-и нақлиётӣ барои кашондани бор ва одамон хизмат мекунад ва ба он А.-ҳои сабукрав, боркаш ва автобусҳо мансубанд. А.-ҳои сабукрав болопӯшида ва болокушод мешаванд. Онҳо аз 2 то 8 мусофир кашонда метавонанд. Дар кузови А.-ҳои боркаш аз 0,25 то 350 т ва аз он ҳам зиёд борро кашондан мумкин. А.-ҳои боркаш бе кузов ҳам мешаванд (ниг. *Ядакмошин*). Автобус барои кашондани мусофирон хизмат мекунад. А.-ҳои махсус бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин буда, барои иҷрои корҳои муайян (мас., мошинҳои оташнишон, мошинҳои коммуналӣ, автолавка, автокран ва ғ.) хизмат мекунанд. А.-ҳои пойга барои иштирок дар пойгаҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ, аз ҷумла гузоштани рекорди суръат пешбинӣ шудаанд. Аз ҷиҳати гузароӣ А.-ҳои дар роҳи автомобилгард, дар бероҳаҳо ва дар роҳҳои душворгузар мегаштагӣ мавҷуданд. А. асосан аз муҳаррик, трансмиссия (механизми таҳвили қувва), қисмати гашт, механизми идора, таҷҳизоти электрикӣ, кузов барои кашондани бор ё мусофирон ва кабина иборат аст. Муҳаррики А.-ҳои сабукрав ва боркаши камиқтидор бо бензин, муҳаррики А.-ҳои пириқтидор ва автобусҳои бисёрҷоя бо сӯзишвории дизелӣ (карасин, лигроин ва ғ.) кор мекунанд (ниг. *Муҳаррики автомобил*). А.-ҳои муҳаррикашон бо газ коркунанда низ мавҷуданд. Муҳаррики А.-ҳои электрикӣ бо энергияи батареяи аккумуляторҳо кор мекунанд. Трансмиссия моменти чархзаниро аз муҳаррик ба ҳаракатдиҳандаи А. (чарх, тасмачарх ва ғ.) таҳвил мекунад. Трансмиссия аз муфтаи илҳоқ (барои ба муддате аз муҳаррик ҷудо кардани трансмиссия ва боз ҳамвор пайваст кардани онҳо), қуттии таҳвил, таҳвили карданӣ, механизми таҳвили асосӣ ва дифференсиал иборат аст. Қисмати гаштро рама, овеза ва меҳвару чарҳҳо ташкил медиҳанд. Механизми идораи А. системаи рул ва системаи тормозро дар бар мегирад. Системаи рули А. барои тағйири самти ҳаракат хизмат мекунад. Дар ҶТ ва диг. мамлакатҳое, ки ҳаракати росттарафаи нақлиёт маъмул аст, А.-ро аз тарафи чап идора мекунанд. Ин диди роҳро, алалхусус ҳангоми пешгузарӣ, беҳтар мекунад. Таҷҳизоти электрикии А. аз манбаи ҷараён (батареяи аккумуляторҳо ва генератори электрикӣ, ки дар муҳаррик шинонда шудааст) ва истеъмолкунандаҳои он (системаҳои афрӯзишу корандоз, чароғҳои дохиливу берунӣ ва сигнализатсия) иборат аст. Сохти А.-ҳо рӯз аз рӯз беҳтар мегардад. Такмили сохти А.-ҳо ба омилҳои гуногун, мас., шароити роҳу иқлим, шумораи мусофирон, ҳаҷми боркашонӣ ва ғ. вобаста аст. Ҳангоми тартиб додани лоиҳаи А.-ҳо лоиҳасозон гунҷоиш, мустаҳкамӣ, мӯҳлати хизмат, гузароӣ, шакли зоҳирӣ, осонии идора барин сифатҳои онҳоро ба ҳисоб мегиранд.

А. Турсунов.

АВТОМОБИ́ЛИ ВАРЗИШӢ, автомобили сабукрав, ки барои машғулиятҳои варзиши автомобилӣ ҷиҳозонида шудааст. Мувофиқи таснифоти Федератсияи байналмилалии автомобил А. в. аз рӯйи ҳаҷми кори муҳаррик (л) ба 15 синф (ҳаҷми



Автомобили варзишии «Тойота».

зиёдтарин 6 л) тақсим мешавад; вазни камтарини автомобил аз 450 то 800 кг. А. в. болопӯшида ва болокушод мешавад, 2 ё 4 ҷойи нишаст дорад. Дар А. в. зарфи сӯзишворӣ бехатар аз таркиш, сӯхторхомӯшкунак, тасмаҳои амният ва ғ. насб мегарданд. Дар системаи тормози чарҳҳои пеш ва ақиби А. в. ҳаракатовари ҷудогона истифода мешавад. Шаклҳои барои роҳҳо таъйиншуда ва махсуси А. в. мавҷуданд. А. в.-и барои роҳҳо таъйин шударо дар асоси автомобилҳои сериявӣ месозанд. Онҳо барои иштирок дар пойга ва мусобиқаҳо дар роҳҳои кӯҳӣ, аз ҷумла гузоштани рекорди суръат пешбинӣ шудаанд ва нисбат ба мошинҳои сериявӣ хеле пуркувват мебошанд. А. в.-и махсус бо истифода аз баъзе қисмҳои автомобили сериявӣ сохта мешавад. Мас., аз муҳаррикҳо одатан зонунавард, блок ва сарпӯши силиндрро истифода мекунанд. Дар натиҷаи насби 2 наварди тақсимкунанда (барои ҳар қатори силиндрҳо), истифодаи клапанҳои қутрашон калонтар ва ғ. қудрати ин муҳаррикҳо нисбат ба ҳамин навъи автомобили сериявӣ 2 – 2, 5 маротиба меафзояд. Асосан барои пойгаҳои масофаашон калон дар роҳҳои ҳалқавӣ истифода мешаванд.

АВТОМОБИЛИ ЗИРЕҲПӮШ, мошини чархдори ҷангии зиреҳпӯш ва мусаллаҳест, ки барои разведка, муҳофизат ва алоқа таъйин шудааст. Аввалин А. з.-и бо тӯпу пулемётҳо мусаллаҳ дар Англия сохта шуд (1900



Автомобили зирехпӯши Россия (БТР-90).

– 02) ва дар ҷанги англису бурҳо (1899 – 1902) истифода гардид. Артиши рус охири Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) бо 160 А. з. мусаллаҳ буд. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) А. з.-ро артишҳои гуногун истифода бурданд. Аслиҳаи А. з. аз тӯпу пулемётҳо, экипажи он аз 3 – 4 кас иборат аст. Суръати баландтарини А. з. – 90 – 100 км/соат, захираи гашт – 500 – 750 км. А. з.-и ҳозиразамон метавонад рӯрӯйи об шино кунад ё таг-таги об аз убургоҳе гузарад, ки то 1, 4 м чуқур аст. Чунин А. з. асбобҳои гуногуни оптикии мушоҳида ва биниши шабона, радиостансияҳо ва ғ. дорад.

АВТОМОБИ́ЛИ ҲАМАҶОГА́РД, воситаи нақлиёти заминии қобилияти гузароишаш зиёд барои ҳаракат дар шароити мавҷуд набудани роҳ. Ба А. ҳ. таҳвилнаворҳои тасмачарх, ботлоқгард, ядаки тасмачарх, барфуботлоқгард, мотоҳамаҷогард, квадротсикл ва ғ. шомиланд. А. ҳ. аз рӯи воситаи ҳаракат (чархдор, тасмачарх, ҳавоболин, шнеку роторӣ), муҳаррик (бензинӣ, дизелӣ), гузаштани монеа (хушкигард, дубаҳра), тарзи истифода (мусофиркаш, бору мусофиркаш, ядак) ва рамаашон (ягона, шарнирӣ, омехта) фарқ мекунад. Аввалин А. ҳ.-ро с. 1903 Я. Спайкёри голландиявӣ сохта буд. Ӯ ҳамроҳи лоиҳакаш Ф. Брандт барои иштирок дар пойгаи Париж – Мадрид автомобили сабукраве сохт, ки ҳамаи чархҳояш баранда буданд. Корҳои сохтани А. ҳ.-и тасмачарх с-ҳои 1910 – 16 аз тарафи ихтироъкор А. Кегресс оғоз шуда буданд. Ӯ барои баланд кардани қобилияти гузароии автомобил аз болои барфу ботлоқ истифодаи тасмачархҳоро пешниҳод кард. Ғояи сохтани А. ҳ.-ро дар СССР с. 1936 Г. И. Покровский пешниҳод карда, соҳаҳои асосии истифодаи онҳоро нишон дод. А. ҳ., одатан, барои кашондани борҳои гуногун, гузарондани корҳои илмиву тадқиқотӣ, экспедитсияҳои геологӣ, амалиётҳои наҷотдиҳӣ ва ғ. дар шароитҳои дастнораси иқлимиву маҳаллӣ васеъ истифода мешавад. *М. Холов.*

«АВТОМОБИЛИСТ», варзишгоҳи Шӯрои ҷумҳуриявии ҷамъияти варзишии иттифоқҳои касаба. Соли 1969 дар ш. Душанбе кушода шуд. Масоҳ. умумиаш 3, 6 га. Майдони алафпӯши футбол (105 х 72 м), нишастгоҳ барои 200 ҷой, ду майдони машқи футбол (60 х 40 м; барои футболи хурд истифода кардан мумкин аст), роҳи чорхатаи асфалтпӯш барои давидан, бахшҳои ҷаҳидан, майдонҳои волейболу баскетбол, ҷойи либоскашӣ, маркази барқароркунии саломатӣ, сауна дорад. Дар «А.» аз рӯйи намудҳои мухталифи варзиш мусобиқаҳо доир мегарданд, инчунин бо гурӯҳи «Тандурустӣ» ва коллективи Мактаби варзишии бачагону наврасон корҳои таълимиву машқдиҳӣ мегузаронанд. Дар як рӯз ба 400 нафар хизмат мерасонад.

АВТОМОРФИ́ЗМ, ниг. *Изоморфизм* .


АВТОНО́МИЯ (аз юн. autonomia – худидоракунӣ, мустақилият), худидоракунии воҳиди сиёсию миллӣ дар доираи давлати ягона, ки он дар Конститутсия таҷассум ёфтааст. А. шакли худидоракунии қисми ҳудуди давлати унитарӣ ё федеративӣ мебошад ва ҳамчун мухторияти ҳудудӣ шинохта мешавад. Он дар ҳудудҳои маскуншудаи халқҳое, ки дорои хусусиятҳои махсуси умумияти забонӣ, маишӣ ва ҳаёти иқтисодӣ мебошанд, ба амал бароварда мешавад. Воҳидҳои маъмурию миллӣ дар ҳайати давлати федеративӣ ҳамчун А.-и субъекти федератсия амал менамоянд. Воҳиди ҳудудии автономӣ дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, ки ҳокимияти марказӣ ба он вогузор намудааст, мустақил аст. Мақомоти интихобии воҳиди маъмурии автономӣ манфиатҳои хоси аҳолии онро таҷассум менамояд. Чунин ҳолат дар конститутсияҳои ҳам давлатҳои федеративӣ ва ҳам давлатҳои унитарӣ ба таври махсус қайд карда мешавад. Масалан, дар Конститутсияи Федератсияи Русия моддаи 72 ваколатҳои якҷояи Федератсияи Русия ва субъектҳои онро ифода намудааст. Мувофиқи моддаи 73 ҳуқуқи автономии ҳамаи 89 субъекти федератсия эътироф карда мешавад. Вобаста ба сохтори давлатӣ ва раванди идораи сиёсӣ худидоракунӣ ва ё мухторияти воҳидҳои маъмурию сиёсӣ дар сатҳи мухталиф ба амал меояд. Дар шароити Тоҷикистон чунин ҳолатро Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон касб намудааст. Боби 7-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мухториятро дар ҳудудҳо ва салоҳиятҳои воҳиди сиёсию маъмурии мазкур муайян намудааст. Ҳамин тариқ, комилан собит гардидааст, ки А. аз як тараф шакли худидоракунии умумиятҳои миллӣ-этникӣ ва аз ҷониби дигар сатҳи муайяни ғайримарказонидани идораи ҳудудҳои муайян мебошад. Моҳиятро танзими муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва мувофиқгардонии манфиатҳои миллии умумиятҳои гуногун ташкил менамояд.

Ад.: Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Д., 2003; Зокиров Г. Н., Истиқлолияти сиёсӣ, Д., 2001; Миртов Д., Нравственная автономия по Канту и Ницше, С. – Пб., 1905. *Г. Зокиров.*

АВТОПИЛО́Т (аз *авто…* ва франс. pilote – рононда), олатест барои автоматӣ идора кардани аппарати париш бо мақсади нигоҳ доштани реҷаи додашудаи парвоз. Ғояи сохтан ва тарҳи А.-ро К. Э. Сиолковский пешниҳод намудааст (1897). Дар СССР аввалин А. с. 1932 сохта шуд. А. сараввал барои устувории ҳаракатҳои кунҷии самолёт (ҳаракат нисбати маркази масса) хизмат мекард. Ин имкон дод, ки реҷаи матлуби парвоз бе иштироки сарнишин (пилот) нигоҳ дошта шавад. Такомули минбаъдаи А. ба автоматонии тамоми реҷаҳои парвози аппарати париш (аз оғоз то анҷоми парвоз) имкон дод. А. ҳам рул ва ҳам муҳаррикҳои аппарати паришро автоматӣ идора мекунад. Дар натиҷаи кори А. барномаи парвоз бе дахолати сарнишин, аз ҳама муҳимаш дар парвозҳои дарозмӯҳлат нигоҳ дошта мешавад. Бо мурури такмил ёфтани аппаратҳои париш ва автоматика А. бо диг. автоматҳои парвоз (париш, парвози барномавӣ, гузариш барои нишаст, гузаштан ба даври дуюми парвоз ва ғ.) тавъам карда мешавад. Маҷмӯи ин автоматҳо системаи идораи автоматиро ташкил медиҳад.

АВТОПО́ЕЗД (аз *авто…* ва русӣ поезд – қатора), воситаи нақлиёти мураккаб, ки аз ядакмошин ва притсеп иборат аст. А.-ҳо аз воситаҳои нақлиётии сабукрав, боркаш ва мусофиркаш таркиб ёфта метавонанд. Дар нақлиёти мусофиркаш ба сифати А. автобус, троллейбус ва трамвайҳои ба ҳам пайвастшударо истифода мебаранд. А.-и боркаш, одатан, аз ядакмошин ва притсеп (ё систерна)-и ба он васлшуда таркиб ёфтааст. Бо А.-ҳо нисбат ба автомобилҳои одӣ шумораи зиёди мусофирон ё миқдори бештари борҳо кашонида мешаванд. *М. Холов.*

АВТОПОРТРЕ́Т, портрети рассом, як навъи жанри портрет, ки дар он рассом симои худашро меофарад (бо ёрии як ё якчанд оина). Дар А. рассом, одатан, тимсоли маънавӣ ва шахсияти худро кушода, зимни робитаи фарду ҷамъият қисмати ҳамзамонон, синфҳо ва табақаҳои ҷудогона, инчунин афкору ғояҳои мухталифи эҷодиро таҷассум месозад. Аксар вақт рассом А.-ро барои ҳамтарафа донистани сирату сура-



Ван Гог. Автопортрет.

ти хеш бо мақсади таҷрибаю ҷустуҷӯҳои эҷодӣ меофарад. Офариниши А. дар санъати атиқа (Фидий) ва асрҳои миёна (ҳайкалтароши новгородӣ Аврам) маълум буд. Рассомони италиявии давраи аввали Эҳё (Мазаччо, Доменикко, Гирландайо, Ботичеллӣ) шабеҳаи худро ба сужети композитсияҳои динӣ ҷой медоданд. А. чун жанри ҷудогонаи портретнигорӣ дар а. 16 шакл гирифт. А. дар санъати давраи Эҳё мақоми ҷамъиятӣ ва худшиносии рассом (Рафаэл, А. Дюрер) ва дар санъати манеризм таҳрикоти олами ботиниро (Титсиан, Тинторетто) ифода мекунад. Дар А.-ҳои а. 17 тасвири драматизм ва эҳтиросоти психологӣ инкишоф ёфта, симои иҷтимоии рассом, тарафҳои гуногуни муносибати ҷамъиятию шахсӣ ва ақидаю афкори эҷодии ӯро мекушояд (Н. Пуссен, П. П. Рубенс ва Рембрандт). Дар а. 18 тасвири ҷиҳатҳои маҳрамона, муҳити корӣ ва оилавӣ афзалият пайдо кард (Ж. Б. Шарден, Ҷ. Рейнолдс, Ф. И. Шубин). Бузургтарин рассомони а. 19 (Ж. Л. Давид, О. Рунге, И. Н. Крамской) дар тимсоли худ на танҳо қимати эҷодии шахс ва ҳаёти маънавии он, балки мақсаду мароми ҳамзамонон ва гурӯҳи иҷтимоии худро таҷассум кардаанд. Дар санъати реалистии пешқадами а. 20 (К. Колвите, Д. Ривера, Р. Гуттузо), ҳамчунин дар санъати тасвирии шӯравӣ (С. Т. Конёнков, М. С. Сарян, П. П. Кончаловский) А.-и беҳтарин ягонагӣ ва равобити фарду омма ва афзудани мақоми ҷамъиятии рассомро ифода месохт. Рассомони Тоҷикикистон А. Ашӯров, Р. Абдурашитов, Н. А. Матасов ҳамчунин А. офаридаанд.

АВТОРАДИОГРА́ФИЯ, радиоавтография, тарзи фотоэмулсионии тақсимоти моддаҳои радиоактив дар объекти тадқиқшаванда. Фотоэмулсияи ба нурҳои радиоактив ҳассосро дар рӯи объект молида муддати муайян мегузоранд. Моддаҳои радиоактиви таркиби объект гӯё тасвирашонро дар эмулсия худашон сабт мекунанд. Аз ин ҷост, ки равандро А. номидаанд. Тасвири фотографии тақсимоти моддаҳои радиоактивро дар объекти тадқиқшаванда, ки бо усули А. ҳосил карда мешавад, авторадиограмма ё радиоавтограф меноманд. Барои муайян кардани тақсимоти моддаҳои радиоактив дараҷаи сиёҳшавии фотонаворҳои объекти тадқиқшаванда ва намунаи эталониро муқоиса мекунанд (макрорадиография) ё адади изҳои дар фотоэмулсия гузоштаи зарраҳои ионзоро ба воситаи микроскопи оптикӣ ё электронӣ мешуморанд (микрорадиография). Усули А.-ро дар ҳама мавридҳои истифодаи индикаторҳои изотопӣ (дар физика, техника, биология, тиб, кишоварзӣ ва ғ.) татбиқ менамоянд. Усули мазкур на фақат дар таркиби объект чӣ хел ҷойгиршавии радиоизотопҳоро муқаррар мекунад, балки барои муайян кардани миқдори онҳо низ имкон медиҳад, зеро ададҳои донаҳои барқароргардидаи нуқраи таркиби эмулсия мутаносиб мебошанд. А. имкон медиҳад, ки дар бораи миқдори элементҳои радиоактиви таркиби намунаҳои маъданӣ, тақсимот ва ҳаракати элементҳои радиоактиви табиӣ дар бофтаҳои организми набототу ҳайвонот ва ғ. маълумоти аниқ ба даст оварда шавад. Мас., истифодаи фосфори радиоактив ва А. имкон дод, ки дар устухони сабзидаистода мавҷуд будани мубодилаи фаъоли моддаҳо муқаррар карда шавад; корбасти радиоиод ва А. баҳри аниқ намудани қонуниятҳои фаъолияти ғадуди сипаршакл мусоидат кард ва ғ.




Авторадиограммаи тақсим шудани фосфор дар барги помидор.

АВТОРЕФЕРА́Т (аз юн. autos – худ ва лот. refero – маълумот медиҳам), баёни мухтасари асари илмӣ, ки худи муаллиф навиштааст (мас. А.-и рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ).

АВТОРИТАРИ́ЗМ (аз фр. autoritare – ҳокимият ва лот. autovitas – таъсир), сохти давлатдорӣ, шакли идоракунии мамлакат. Дар чунин тарзи идоракунӣ ҳокимияти давлатӣ новобаста аз ирода ва хоҳиши аксарияти мардуми кишвар аз ҷониби элитаи идоракунандаи сиёсӣ ташкил карда мешавад. Дар тарзи идоракунии авторитарӣ ҳокимият ба як мақоми давлатӣ, ё ки ба дасти як лидери сиёсӣ (президент, диктатор ва ғ.) мегузарад.

АВТОРИТЕ́Т (лот. abtoritas – ҳокимият, нуфуз), эътибор, таъсири аз тарафи умум эътирофгардидаи шахс ё ташкилот.Ниг. *Обрӯ*.

АВТОРОТА́ТСИЯ (аз *авто…* ва лот. rotatio – гардиш), реҷаи гардиши винти ҳавоии аппарати париш ё турбинаи муҳаррик, ки ҳангоми он энергияи барои гардиш зарурӣ аз сели боди ба винт расанда гирифта мешавад. Истилоҳи А. с-ҳои 1915 – 20 дар давраи коркарди аввалин чархбол (вертолёт)-ҳо пайдо шуда, маънояш гардиши винти бардоштабаранда бе иштироки муҳаррик мебошад. Дар самолётҳое, ки ба сифати баҳаракатоваранда винтҳои ҳавоиро истифода мебаранд, А.-и винт (гардиш аз сели расанда) ҳангоми дар вақти парвоз хомӯш гаштани муҳаррик ба амал меояд. Дар натиҷа нисбат ба сели ҳаво муқовимати калон ба вуҷуд омада, идораи аппарати париш душвор мегардад ё ба афтиши он оварда мерасонад. Барои пешгирии ин ҳодиса ҳамаи муҳаррикҳои турбовинтии муосир системаи автоматӣ ва дастии флюгиронӣ доранд, ки дар мавриди аз кор мондани муҳаррик ҳангоми парвоз винти ҳавоиро ба самти сели ҳаво мутобиқ мекунанд. Дар ин лаҳза винт муқовимати рӯ ба рӯи камтарин дошта, чарх намезанад. Барои ба кор даровардани муҳаррики турбовинтӣ ҳангоми парвоз винт аз ҳолати флюгиронӣ бароварда шуда, муҳаррикро давр мезанонад. Пас аз соҳиб шудан ба




Минтақаҳои параи винт ҳангоми авторотатсия.

зудии муайяни даврзанӣ системаи афрӯзиш ва таъмини сӯзишвории муҳаррик ба кор медароянд. Турбинаи муҳаррикҳои турбореактивӣ низ дар мавриди аз кор мондан ҳангоми парвоз аз сели ҳаво дар речаи А. чарх мезананд. Ҳангоми парвози чархбол бо муҳаррики фаъол сели ҳаво аз болои винт дохил шуда аз поёни он мебарояд. Лекин дар речаи А. винти асосии чархбол аз сели боди мухолиф чарх зада, дар як вақт қувваи болобардорандаро ҳосил мекунад. Дар мавриди аз кор мондани муҳаррики чархбол бо истифода аз А. онро бе садама шинондан мумкин аст. Рекорди давомноктарини А.-ро Жуан Боуле бо чархболи худ с. 1972 гузоштааст. Вақте ки ӯ ба баландии 12 440 м расид, аз сабаби сардии ҳарорат (–63^0 С) муҳаррики чархбол аз кор монд. Ӯ усули А.-ро истифода бурда, чархболро бе осеб ба замин шинонд.

М. Холов.

АВТОТО́МИЯ (аз *авто*… ва юн. tome – партофтан), аутотомия, беихтиёр партофтани пой, дум ва диг. узвҳои бадан, ки дар ҳайвонот бинобар якбора ба ангезиш омадан, мас., ҳангоми задухӯрд бо дарандаҳо, рух диҳад. Истилоҳи «А.»-ро физиологи белгиягӣ Л. Фредерик (1883) ба илм ворид намудааст. А. хоси ҷонварони бемӯҳра мебошад. Баъзе полипҳо ва актинияҳо – ҳассосак, немертинҳо ва ҳалқакирмҳо – қисми охири бадан, лилияҳои баҳрӣ ва ситораҳои обӣ – сӯзанҳои тана, нармбаданҳо – гӯшмоҳӣ, харчангшаклон – чангол ва пояшонро мепартоянд. А. аксуламали муҳофиз буда, асоси онро раванди рефлексӣ ташкил медиҳад. Мас., дар калтакалосҳо А.-ро маркази асаб (воқеъ дар ҳароммағз) идора менамояд, вале ҳолати партофтани дум бошад, дар натиҷаи якбора кашиш хӯрдани мушаки он қитъаи сутунмӯҳра, ки лавҳачаи тағоякии кӯндаланг ҷойгир аст, рух медиҳад. А., одатан, ба регенератсия вобаста аст.

АВТОТРАНСФОРМА́ТОР, намуди трансформаторест, ки дар он симпечҳои аввалӣ ва дуюмӣ мустақиман пайваст буда, аз ин ҳисоб на фақат алоқаи электромагнитӣ, балки алоқаи электрикӣ низ доранд. Барои ҳосил кардани коэф. хурди трансформатсия А. назар ба трансформаторҳое, ки симпечи бисёр доранд, сабук ва арзон аст. А. дар олати корандозии муҳаррикҳои электрикии пуриқтидори ҷараёни тағйирёбанда чун табдилдиҳандаи шиддати электрикӣ, дар схемаҳои ҳимояи релеӣ барои тадриҷан танзим кардани шиддат ва ғ. хизмат мекунад. Дар А.-и танзимшаванда ба туфайли ҷойивазкунии механикии расиши симпечи дуюм, ҳангоми дар симпечи якум тағйир ёфтани шиддат, дар симпечи дуюм шиддати зарурӣ доимӣ нигоҳ дошта мешавад.



Тарҳи автотрансформатор.

АВТОТРОПИ́ЗМ (аз *авто*… ва юн. tropos – гардиш, самт), қобилияти рост шудани узвҳои растанӣ баъди ба итмом расидани таъсироте, ки боиси хам (каҷ) шудани онҳо гардида буд. А., мас., дар ғаллазор, ки баъди борон пояҳои растаниҳо хоб мераванд, ба мушоҳида мерасад.

АВФӢ Нуриддин Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Усмони Бухороӣ (тав. байни 1172 – 76, Бухоро – с. ваф. номаълум), тазкиранигор, насрнавис ва шоири форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш – Бухоро таҳсили ибтидоиро гузаронда, сипас ба омӯзиши илмҳои адаб, фиқҳ, ҳунари хаттотӣ ва ғ. машғул шуд. Солҳои 1201 – 03 дар Самарқанд зиста, дар дарбори ҳокими ин шаҳр то ба мансаби соҳиби девони иншо расид. А. дар Самарқанд аз донишмандони замон Абубакри Насафӣ ва Шамсуддини Боқилонӣ сабақ гирифт. Соли 1203 ба сафар баромад. То с. 1219 дар ш-ҳои Марв, Хоразм (1203), Ҳирот, Нисо (1206), Систон (1207), Нишопур (1210), Қазвин, Исфизор ва диг. ҷойҳо буду бош намуд, донишу таҷрибаи зиндагӣ андӯхт. Соли 1219 ба Бухоро баргашт. Дар ох. с. 1221 ба Моваруннаҳр муғулҳо ҳуҷум намуданд. А. бо мақсади раҳо ёфтан аз теғи муғул ба Ҳиндустон ҳиҷрат кард. Дар вил. Синд ба хидмати Носириддини Қубоча (ҳукмр. 1206 – 28) дохил шуд; бо вазири ӯ Айнулмулук Фахриддин дӯстиву рафоқат пайдо намуд. Бо хоҳиши Айнулмулук дар байни с-ҳои 1221 – 22 А. тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-ро навишт. Дар ш. Канбояти Ҳиндустон муддате қозӣ буд ва дар он ҷо с. 1223 асари Абуалии Танукӣ (а. 10) «ал-Фараҷ баъд уш-шидд»-ро аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кард. Бо хоҳиши Носириддини Қубоча ба навиштани асари дигари худ «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» сар кард. Ҳокимияти Носириддин с. 1228 барҳам хӯрд ва А. дар қатори диг. дарбориён ба ихтиёри ҳокими Деҳлӣ Шамсуддин Илтутмиш (ҳукмр. 1211 – 36) афтод. Бо хоҳиши вазири ҳокими номбурда Низомулмулки Ҷунайдӣ навиштани «Ҷавомеъ-ул-ҳикоят»-ро идома дод ва онро с. 1233 ба итмом расонд. Инчунин А. дар пайравӣ ва вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ «Мадоеҳ-ус-султон» ном маснавие навишта будааст, ки он то ҳол пайдо нагардидааст. Ду байт аз ин маснавӣ дар боби 12-уми «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» омадааст. Оид ба ҳаёт ва эҷодиёти минбаъдаи А. дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ маълумоти дигар ба назар намерасад. Аз осори манзуми А. пораҳои қасоид, ғазалҳо ва абёти пароканда ба тавассути тазкираҳо то замони мо расидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Соҳибо, қиссаи дой ба карам асғо кун,
Ки масал гашт кунун қиссаи ӯ дар афвоҳ…
Муддате умр баромад ба ҳусули ағроз,
Ҳамчу дарбони гарон мӯътакифи ҳар даргоҳ.
Рангу бӯи карам аз кас чу надиду нашунид,
Бо чунин тӯҳфа ба дарбори ту оварад паноҳ.
Зоти ӯ ҳаст наботе, ба карам обаш дех,
Чу шавад тоза пас аз вай самари тоза бихоҳ...

Ос.: Гулчини «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт», Д., 1966; Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт, Т., 1335 ҳ. ш.; Қиссаҳои Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт, Т., 1386 ҳ. ш.; Лубоб-ул-албоб, Лейден, 1903.

М. Ҷалилова.С. Воҳидов.

АВҲА́Д Фахриддин Муставфии Сабзворӣ (1384, Сабзвор – 1463, ҳамон ҷо), шоир ва матншиноси форсӣ-тоҷик. Дар зодгоҳаш таҳсил карда, чун донандаи илмҳои тиб, иншо, таърих, сарфу наҳв, риёзиёт ва ғ. шӯҳрат

ёфта буд. Дар сарчашмаҳои адабӣ А. чун шоири соҳибдевон ёд шудааст. Қасидаҳо, ғазалиёт ва қитъаҳои ӯ дар байни аҳли адаб шӯҳрат доштанд. Алишери Навоӣ аз сӯҳбати А. файз бардоштааст. А. бо Амир Шоҳии Сабзворӣ робитаи дӯстӣ дошта, худро шогирди ӯ медонистааст. А. дар китобхонаи шахсии худ зиёда аз 1 ҳаз. ҷилд китобҳоро ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ гирд оварда буд. Ин китобҳоро бо нусхаҳои аслу мӯътабар муқобала карда, бо хати худаш ба онҳо ислоҳ даровардааст. Ашъори боқимондаи А. гувоҳи табъи баланди шоирии ӯянд:

Эй зи бӯстони ҷамолат чашму ҷонро зебу зайн,
Гашта бар наргис ҳаводории чашмат фарзи айн.

А. Афсаҳзод.

АВҲАДИ́ИИ МАРОҒАЙ Авҳадуддин (Рукнуддин) ибни Ҳусайни Исфаҳонӣ (1274, Мароға – 1338, ҳамон ҷо), мутафаккири мутасаввифи форсӯҷик. Дар зодгоҳаш илмҳои замонашро омӯхта, ба касби илми ҳикмату ирфон пардохт. Дар фиқҳ ба мазҳаби шофеӣ майл дошт. Аз ҷавонӣ ба сафар шавқманд буд ва мувофиқи маълумоти ҳамзамононаш сафарҳои бисёре ба Бағдод, Димишқ, Ҳамадон, Исфаҳон ва диг. шаҳрҳо кардааст. А. М. роҷеъ ба мусофиратҳои худ дар осораш низ ишораҳо намудааст. Поёни умри худро дар зодгоҳаш гузарондааст. Осори А. М. аз девон, ду манзума бо номҳои *«Ҷоми Ҷам»* ва «Даҳ нома» ё «Мантиқ-ул-ушшоқ» иборат мебошад. Бино ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб «Даҳ нома» ба яке аз набераҳои Насируддини Тусӣ эҳдо шуда, он паёми ошиқонаи хаёлиест, ки байни ошиқи беном ва маъшуқи бенишон радду бадал шудаанд. Ин манзума аз 513 байт иборат буда, бо сабку шеваи Низомию Фахруддини Гургонӣ иншо шудааст. Девони А. М. шомили қасида, ғазал, рубоӣ буда, ғазалҳояш содаву латофати хос доранд ва тарзи нигориши ғазалҳои Саъдию Саноӣ ва Ироқиро ба ёд меоранд. Афкори ахлоқию ирфонии мутафаккир дар «Ҷоми Ҷам» гирд оварда шудаанд. Дар он ҳикмати амалии суфия баръалоина намудор аст.

Ад.: Зарринкӯб Абдулҳусайн, Арзиши мероси суфия, Т., 1366; Доктор Алиасғари Ҳалабӣ, Мабонии ирфон ва аҳволи орифон, Т., 1385. *К. Олимов.*

АВҲАДӢ Тақиуддин Муҳаммад ибни Муинуддин Саъдуддини Дақоиқии Исфаҳонӣ (тав. 1565 – с. ваф. номаълум), шоир ва тазкиранависи эронӣ. Шахси таҳсилдида, бохабар аз улуми мутадовилаи давр, инчунин аз мантиқу риёзиёт будааст. Ба шеъргӯӣ аз 16-солагӣ оғоз кард. Дар синни 20-солагӣ ба хидмати шоҳони сафавӣ дохил шуд. Пас аз муддате хидмати дарборро тарк кард ва ба Ҳиндустон рафт. То охири умр дар он ҷо монд. Асари машҳури А. тазкираи умумии «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин» (хулосааш бо номи «Каъбаи арафот» тадвин шудааст) мебошад. Аз А. инчунин девонҳои ашъор бо номҳои «Табсарат-ул-орифин», «Тазкират-ул-ошиқин», маҷмӯаҳои «Муқатаот ва мутоиботу аҳоҷӣ», «Умеди обод» (дар ҷавоби ашъори Умедӣ), «Одамият», маҷмӯаҳои ғазалиёт ба унвони «Баҳроми Достон», «Қанди муқаррар», «Ҷавоҳири завоҳир», «Дурари ғурар», маснавиҳои «Яъқуб ва Юсуф», «Каъбаи дидор», «Сафинатус-сакина», «Лавҳи маҳфуз», «Қалами қудрат» боқӣ мондаанд. А. китобу рисолаҳои мансур низ дорад: «Сурмаи сулаймонӣ», «Кофият-ул-қофия», «Мифтоҳи мафотеҳ», «Айния», «Ҷафри Авҳад» ва ғ. А. девони чанде аз шоирон, аз ҷумла Ваҳшии Бофқиро мураттаб кардааст.

Намунаҳо аз ашъори А.:

Ҷони ман, чун чашми худ бар қалби
дилҳо рӯ манеҳ,
Ноз бар токи баланди фитна чун абрӯ
манеҳ…

* * *

Бас об кунад ҳусни ту рухсори суханро,
Барбод диҳад зулфи ту номуси чаманро.
Кӯтаҳ набувад чун зи лабат дасти
умедам,
К-аз тангии ҷо роҳ дар ӯ нест суханро.

Ад.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 2, Т., 1350 ҳ. ш.

АВҲАДӢ Ҳабибуллоҳ-махдум (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири точик (а. 19 – ибт. а. 20). Дар Бухоро таваллуд ёфта, дар ҳамин шаҳр таҳсил кардааст. Бино ба манбаъҳои адабӣ дар 17-солагӣ (1899 – 1900) дар радифи «Офтоб» шеъре гуфта, ба С. Айнӣ тақдим намуд. С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» як шеъри ӯро ҷой додааст, ки дар пайравӣ ба А. Лоҳутӣ (ғазали «Инқилоби сурх») иншо шудааст. Дар тазкираҳо, баёзҳо ғазалиёт, рубоиҳои А. сабт гардида, то замони мо расидаанд. Абёти зерин намунае аз эҷодиёти А. мебошанд:

Гардад чӣ сон ба моҳи рухат ҳамсар офтоб,
Э-он рӯ, ки нест ҳамчу рухат дилбар офтоб.
Аз шармӣ моҳи рӯи ту ҳар шом мекунад,
Аз ҷомаи сиёҳ ба сар чодар офтоб…
Умрест баҳри дидани моҳи узори ту,
Созад гузар ба ҳар сари кӯю дар офтоб…

Ад.: Айнӣ С., Намунаи адабиёти тоҷик, Д., 2010.

АВҲАДУДДИ́НИ КИРМОНӢ Ҳомид ибни Абуфахр (с. тав. номаълум – ваф. 1236, Бағдод), шоири мутасаввифи форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш улуми маъмули замонро омӯхт ва дар синни камолот бо мақсади такмили дониш ва вохӯрӣ бо уламо ба сафар баромад. Дар Бағдод ва Димишқ шогирдон ва мӯътақидони зиёд, аз ҷумла Фахруддини Ироқӣ, Авҳадии Мароғай ва диг.-ро пайдо кард. Бо орифони машҳур Ибни Арабӣ ва Шамси Табрезӣ ҳамсӯҳбат шуд. А. К. яке аз устодони шеъри ирфонии форсӯҷик ба шумор меравад. Рубоиҳои бисёри тасаввуфӣ ва маснавие дорад бо номи «Мисбоҳ-ул-арвоҳ» (1180 байт). Рубоиҳои А. К. аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба нигоштаҳои Умари Хайём наздиканд; аз ин ҷост, ки баъзан онҳоро рубоиёти Хайём пиндоштаанд. Ин рубоӣ аз А. К. аст:

Дар мадрасаҳо чавоби гуфторам нест,
Дар буткадаҳо салибу зуннорам нест.
Сар то сари офоқ ба ҳеҷам наҳаранд,
Ё Раб, чӣ матоам, ки харидорам нест.

Ад.: Ризоқулихони Ҳидоят, Риёз-ул-орифин, Т., 1316 ҳ. ш.; Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш. *С. Ализода.*

АВЧИНТЕППА́ (Обчинтеппа), ёдгории қадима, маркази яке аз воҳаҳои Марғиёни Қадим дар қисми шарқии резишгоҳи д. Мурғоб (Туркманистон). Ба нимаи дуюми ҳазорсолаи дуюми то м. тааллуқ дорад. Масоҳ. 150 х 100 м. Девори ҳимоявии он 12 бурҷ дорад. А. аз хишти хом сохта шудааст. Аз қалъа ва қабрҳои он ҷо асбоби гуногуни қиматбаҳо ёфт шудаанд. Дар қатори бозёфтҳо зарфҳои сафолии дар чархи кулолӣ тайёр кардашуда, миҷмарҳои сангин, нӯгҳои найза, дастпонаҳои мисин ва ғ. ҷолиби диққатанд. Бозёфтҳои А. дар омӯзиши таърихи қабилаҳои Маданияти Бохтар аҳамият доранд. Бошандагони А. ва деҳаҳои атрофи он кишоварзу чорводор ва аз нажоди ориёӣ буданд. *Ю. Яъқубов, В. Ранов.*

АВҶ, чашмаи гарми минералӣ, 20 км ҷанубтари маркази ноҳ. Ишкошим, дар соҳили д. Панҷ, дар баландии 2410 м аз с. б. воқеъ аст. Дебиташ 5 л/с, минералнокиаш 1, 2 г/л, ҳарор. обаш + 35°С. Оби А. дар таркибаш гидрокарбонати сулфат, магний ва калсий дорад. Хусусияти шифобахшии оби А.-ро с. 1930 олимони рус М. Прокопенко ва Н. Котова муайян намудаанд. Таркиби химиявии оби А. ба оби нарзани сулфатдори Кисловодск (Россия) монанд аст. Онро барои табобати бемориҳои силсилаи дилу раг, фишорбаландӣ (дар марҳалаи аввал), нуқсҳои аъзои ҳозима, аз ҷумла ҳама намудҳои илтиҳоби до-

имии меъда, захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва фаъолияти узви таносул, шуш ва роҳҳои нафаскашӣ, зиқи нафас, газаки доимии пардаи гулӯ, касалиҳои гуногуни чашм, асаб ва ғ. истифода мебаранд. Шифохонаи А. аз як бинои истиқоматии дорои 60 кат, ду меҳмонхона бо 15 кати хоб ва ҳаммом (барои мардон ва занҳо) иборат аст. Хоҳишмандон аз саросари ҷумҳурӣ ва берун аз он дар шифохона табобат мегиранд.

С. Ғуломшоев, Н. Ҷонбобоев.

АВҶ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ишкошими ноҳ. Ишкошим. Аз А. то маркази ноҳия 25 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 25 нафар (2009), тоҷикон. Дар А. оби шифобахши нодир барои табобати чашм мавҷуд буда, шифохона амал мекунад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АВҶ, 1) қисми баландтарини лаҳнӣ ва садодиҳии асари мусиқӣ. Қисмати асари мусиқиро, ки дар зинаҳои мобайнӣ садо медиҳад, «А.-и миёна», дар мақомҳо «миёнҳат» ва агар дар зинаҳои болоӣ садо диҳад, «А.-и калон» меноманд. А. қисми ҳассостарини асари мусиқӣ ва маҳаки асосии маҳорати иҷрокунанда ба ҳисоб меравад. А. дар банду басти асари мусиқӣ (даромад, нимавҷ, авҷ, фуровард, хотима) дар байн омада, пардаҳои баландтаринро дар бар мегирад. Вобаста ба сохти асари мусиқӣ А. метавонад 2 – 3 маротиба такрор ёбад. Нуқтаи олии асарҳои мусиқии классикӣ А.-и «Дунаср» (А.-и калон) мебошад. Ғайр аз ин боз «Авҷи Турк» ва «Авҷи Зебопарӣ» маъмуланд; 2) гӯшаи мусиқӣ дар мақоми «Ушшоқ»-и «Дувоздаҳмақом». Мувофиқи маълумоти «Баҳҷат-ур-рӯҳ» А. дорои як бонг (бӯъди пурра) аст.

Ад.: Донишномаи Шашмақом, 2009.

А. Зубайдов.

«А́ВҶИ ЗЕБОПАРӢ», яке аз авҷҳои маъмул дар анъанаи сарояндагӣ, ки сарояндагон дар ҳавзаи Бухоро (Самарқанд, Хоразм) ва водии Фарғона (Хуҷанд, Қӯқанд, Исфара, Конибодом ва Истаравшан) истифода менамуданд. «А.»-ро оҳангсози машҳури тоҷик Зебопарӣ эҷод кардааст ва бо номи «Авҷи Зебопарӣ», «Зебопарда» (пардаи иловагии танбӯр) маъруф аст. «А. З.» дар анъанаи иҷроии «Шашмақом» оҳанги нисбатан мустақил буда, аз сарояндa маҳорат ва истеъдоди баландро тақозо дорад. Офаридаҳои Зебопарӣ дар «Ироқи Бухоро» (мақоми «Бузург»), «Савти калон», «Савти Сабо» («Рост»), «Нимчӯпонӣ» («Сегоҳ»), «Сарахбори Ироқ», «Чанбар» («Ироқ»), инчунин дар асарҳои мусиқии касбӣ, чун «Ушшоқи Қӯқанд», «Бозаргонӣ» (Ҳочӣ Абдулазиз) ва таснифоти диг. мавриди истифода аст. Мас., сарояндагони Бухоро ҳангоми сурудани «Ушшоқи Қӯқанд» онро бо намудҳои «Сегоҳ», «Ушшоқ» ва «Муҳайяри Чоргоҳ», сарояндагони Хуҷанд, Исфараву Конибодом, Истаравшан, яъне водии Фарғона ин асари мусиқиро бо намудҳои «Сегоҳ» ва «Зебопарӣ» месароянд.

Ад.: Раджабов И., Мақомлар масаласига доир, Тошканд, 1963; Ҳакимов Н., Шашмақом дар қарни 20, Х., 2006; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

«А́ВҶИ ТУРК», қисмати таронавии мақом, ки лаҳни баландтарин дошта, пас аз намудҳои «Ушшоқ», «Сегоҳ», «Насруллоҳӣ» ва «Дунаср» меояд. «А.» ҳамчун порчаи оҳангии нисбатан мустақил дар таркиби авҷҳои як қатор сурудҳои халқӣ низ истифода мешавад. «А.» аз ҷиҳати тарзу усули мусиқӣ ба оғози «Савти Наво» монанд аст. Бисёр оҳангҳо дар асоси «А.» офарида шудаанд ва монанди «Зебопарӣ» яке аз авҷҳои мураккаб аст. Сурудани он маҳорати баландро тақозо дорад. Мусиқишинос ва оҳангсоз В. А. Успенский аз тавсифи ҳофизи номвар Домулло Ҳалим Ибодов (1878 – 1940) муайян мекунад, ки муаллифи «А.» Наврӯзалӣ ном ҳофиз буда, онро дар а. 17 ихтироъ кардааст. Дар ибтидо «Авҷи Наврӯзалӣ» ном дошта, дар ҳавзаи ҳунарии Бухоро, Каттақӯрғон, Хатирчӣ, Зербулоқ, Ғиждувон, Вобканд маъруф буд. Ғайр аз «Шашмақом» «А.» дар як қатор асарҳои берун аз он ба монанди «Шаҳноз», «Фигон» ва ғ. истифода мешавад. Оҳангсоз ва устоди «Шашмақом» Ҳочӣ Абдулазиз Абдурасулов дар «Гулъузорам» «А.»-ро хеле устодона истифода намудааст.

Ад.: Раджабов И., Мақомлар масаласига доир, Тошканд, 1963; Ҳакимов Н., Шашмақом дар қарни 20, Х., 2006; Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *Ф. Азизӣ.*

«А́ВҶИ ХУРОСО́Н», 1) гӯшаи мусиқӣ дар шӯъбаи «Нағмаи даштӣ»-и дастгоҳ (мақом)-и «Шӯр» («Ҳафтдастгоҳ»-и эронӣ). «А.» дар байни гӯшаҳои «Нуҳуфти шикаста» ва «Ғамангези уқдакушо» омада, бо оҳанги хеле хушу муфарраҳ иҷро мешавад. «А.» дар гузашта дар асоси яке аз сурудҳои маъмули мардуми Хуросон пайдо шуда, сипас ба сарзаминҳои Шарқи Наздик паҳн гардидааст; 2) яке аз 52 мақоми маъмули мусиқии Миср, Сурия ва Лубнон, ки аз форсҳо гузаштааст.

Ад.: Шарҳи ридифи мусиқии Эрон, Т., 1348.

И. Раҳимов.

АВҶИ́И КАШМИРӢ (1563/4, Кашмир – 1623, ҳамон ҷо), шоири форсизабони Ҳиндустон. Падараш Мавлоно Номӣ низ шоир буд. Дар Кашмир зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ба эҷодиёти шоирону адибони классикии форс-тоҷик таваҷҷӯҳи зиёд дошт. А. К. соҳиби девон аст, ки дар он тақр. 3 ҳаз. байти сурудааш (қасидаҳо, ғазалҳо, қитъаҳо ва ғ.) фароҳам омадаанд.

АВҶИ́И НАТАНЗӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири эронӣ (ох. а. 16 – ибт. а. 17). Дар Исфаҳон таҳсил ва ба шеъргӯӣ оғоз карда, чун шоири боистеъдод шӯҳратёр гардид. Дар дарбори ҳокими Хуросон Ҳасанхон (ҳукмр. 1618 – 40) хидмат кардааст. Дар охири умр хидмати дарборро тарк карда, ба зодгоҳаш баргашт ва дар фақру нодорӣ аз олам даргузашт. Аз А. Н. девони ашъор иборат аз 10 ҳаз. байт (қасидаҳо, ғазалиёт, рубоиёт, таркиббанду тарҷеъбанд, қитъаҳо) боқӣ мондааст. Мавзӯи ашъораш мадҳ, шикоят аз замона, васфи ишқу муҳаббат мебошад. Абёти зерин аз ӯст:

Зи дасти толеи бад меравам зи шаҳр ба шаҳр,
Чу бадқимор, ки тағйир медиҳад ҷоро.

* * *

Соғар ба ғайр доду зи рашкам харобе сохт,
Оташ ба дигаре заду моро кабоб сохт.

* * *

Карам гулест, ки дар боғи худнамоӣ нест,
Карими сохта будан кам аз гадоӣ нест.

АВҶӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар Бухоро ба дунё омада, дар назди тазкиранигор Хоҷа Ҳасани Нисорӣ таҳсил кардааст. Ба сабаби тангдастӣ ба Балх рафтааст. Тазкиранигори дигари а. 16 Мутрибӣ А.-ро чун шахсияти эҷодкори мумтоз, ашъорашро «ҷонпарвар» тавсиф намудааст. Аз девонаш иттилое нест. Намунаҳои ашъораш ба тавассути тазкираҳо боқӣ мондаанд. Ин рубоӣ аз ӯст:

Ҷоне дорам, ки толиби озор аст,
Дарде дорам, ки аз даво безор аст.
Гӯше дорам, ки нағмаи ғамшунав аст,
Чашме дорам, ки чашми ҳасратбор аст.

У. Назиров.

АВШО́Н, а р ш о н, а ф ш о н, навъе аз ангурҳои маҳаллии пешпазак. Селексияи халқӣ. Токаш миёнасабз, баргаш панҷпарраи мудаввар, канорҳояш ба боло тоб хӯрдаанд. Гулаш якҷинсаи модина; барои хуб гардолуд шудани он навъҳои Чилла-

гии сафед ва Дороии сурх аҳамияти калон доранд. Хӯшааш миёнаҳаҷм (вазнаш 180 – 230 г), махрутшакл (дарозиаш 15 – 17, бараш 10 – 12 см). Ғуҷбаш зич (вазни 100-тоаш 195 – 215 г), лӯнда ё дарозрӯя, сабзи сафедтоб; ғуҷмаш маҳин ва шаффоф. Гӯшташ хамираки карсосӣ, ширин ва хуштамъ. Ҳангоми кандан бинобар сустии думчааш қисми зиёди ғуҷмҳо мерезанд («афшон» ном гирифтанаш низ аз ҳамин ҷост). Меваи пухтагиаш 16 – 17 % қанд, 3,5 – 4,2 г/л туршӣ дорад. Даври нашваш 105 – 110 рӯз. Ниҳолаш баъди 2 – 3 соли шинондан самар меорад. То ох. тирамоҳ 80 – 85 фоизи нартҳояш мерасанд. Навдаҳои аз буғумҳои поёнӣ ва миёна (аз буғумҳои 2 то 12) сабзида самари бештар медиҳанд. Барои гирифтани ҳосили фаровон ва хушсифат А.-ро бо навъҳои Чиллагии сафед ва Кишмиши сиёҳ якҷоя парвариш кардан мувофиқи мақсад аст. Барои баҷойҳои дур кашондан ва мавиз кардан мувофиқ нест. А.-ро бештар сокинони ш. Хуҷанд, ноҳ. Бобоҷон Ғафуров, инчунин дар хоҷагиҳои Хуҷанду Конибодом парвариш мекунанд. А.-и хуҷандӣ ва А.-и хӯшакалон бештар маъмуланд. Токаш аз сармо ва касалиҳои занбӯруғӣ (ҷел ва қарасон) зарар мебинад.

Ад.: Токпарварӣ, Сталинобод, 1948; Ампелография СССР. Малораспространенные сорта винограда, т. I, М., 1963. *Х. Маҳмадқулов.*

АГА́ВА (Agave), як ҷинси растанӣ. Пояш кӯтоҳ, баргаш ғафси хордор. Баъди 6 – 15 сол гул мекунад. Гулпояш дароз (то 12 м), сергул (то 17 ҳаз. гул дорад). Пас аз расидани ҳосил қисми рӯизаминии А. мемирад (дар баъзе намудҳо аз реша расташ нав месабзад). Дар Мексика зиёда аз 300 намуди А.-и худрӯй дучор меояд. Ба Европа А. баъди кашфи Америка оварда шудааст. Хусусан А.-и америкоӣ маъмул аст. Онро барои ороиши кӯчаю хиёбонҳо мепарваранд. Аз барги А. ресмонҳои гуногун, аз партовҳояш коғаз истеҳсол мекунанд. Нӯшокиҳои спиртии пуаке, текила, маскал аз афшураи А.-и сиёҳтоб тайёр карда мешаванд. Аз решаи баъзе намудҳои А. доруҳои гормонӣ истеҳсол менамоянд.



Агава.

АГАДЖА́НОВ Сергей Григоревич (30. 8. 1928, Марв, Туркманистон – 1999, Москва), таърихнигор, шарқшинос, доктори илмҳои таърих, узви вобастаи АИ Туркманистон ва АИ дақиқи Россия. Хатмкардаи факти таърихи Донишгоҳи педагогии ба номи М. Горкийи Ашқобод (1950). Ходими илмӣ (1954 – 57), ходими калони илмӣ (1957 – 60), мудири шӯъбаи мардумшиносӣ (1961 – 66), директори Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ Туркманистон (1970 – 80), ходими калони илмии Ин-ти таърихи СССР-и АИ СССР (1980 – 86), мудири шӯъбаи масоили таърих ва муносибатҳои миллии ҳамин институт (аз с. 1986) буд. Муҳимтарин таълифоташ вобаста ба таърихи *Салҷуқиён* ва туркманҳо ба забонҳои англисӣ, немисӣ, туркӣ ва форсӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Ос.: Агаджанов С. Г., Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX – XII вв., Ашхабад, 1969; Сельджукиды и Туркмения в XI – XII вв., Ашхабад, 1973; Государство Сельджукидов и Средняя Азии в XI – XII вв., М., 1991.

Л. Бойматов.

АГА́Р-АГА́Р (аз малайии шилмак), маҳсулоте, ки аз баъзе намудҳои обсабз (мас., обсабзи сурх ва малла) дар намуди хока, ғурӯша ва ғ. тайёр мекунанд. Асосан аз полисахаридҳо иборат аст. Дар ҳарор. 80 – 86°C дар об ҳал шуда, дар ҳарор. 36 – 40°C ба бастаи шилмак мубаддал мегардад. А.-ро дар таркиби муҳити ғизо барои парвариши бактерия, занбӯруғ, обсабз ва ғ. истифода мебаранд. Ба А. ферментҳои ҳозима таъсир намекунанд. А. дар амалияи тиб чун давои тақвиятбахши кори рӯда маъмул аст. Он дар саноати хӯрокворӣ, қаннодӣ (мармеладпазӣ) ва ғ. истифода мешавад.

АГАФО́КЛ (361 – 289 то м.), мустабид, сипаҳсолори юнонӣ ва ҳокими Ситсилия. Дар оилаи миёнаҳоли ситсилиягӣ таваллуд шуда, аз наврасӣ ба касби кулолӣ машғул буд ва лақаби «Кулол» ҳам дошт. Дар синни 17-солагӣ ба Сиракуз (яке аз ш-ҳои Ситсилия) омада, ба хидмати яке аз ашрофи он ҷо ба номи Дамас дохил мешавад. Минбаъд дар амалиёти ҳарбии сиракузиҳо ширкат карда, худро ҳамчун сарбози далер нишон дод. Пас аз марги Дамас А. бо зани бевамондаи ӯ издивоҷ карда соҳиби молу мулки фаровоне мегардад ва ба зудӣ дар ӯ андешаи табадуллоти давлатӣ пайдо мешавад. Ба ин мақсад ӯ байни мардум барои кам кардани андозҳо ва беҳтаргардии ҳолати зиндагӣ таблиғот мебурд ва оқибат аз тарафи аъёну ашроф бадарға шуд. Пас аз ин чанд муддат дар Италияи Ҷанубӣ буд ва дар он ҷо муваффақ шуд, ки аз юнониҳо, самнитҳо, келтҳо ва этрускҳо сипоҳи пурқудрате тартиб диҳад. Соли 316 ӯ ба Ситсилия омада бо дастгирии табақаи аҳолии камбағал Сиракузро забт кард. Шӯрои олигархиявӣ пароканда шуд ва А. худро ҳокими мутлақ эълон кард. Пас аз ин А. замину моли аъёну ашрофи Сиракузро мусодира карда ба бенавоён тақсим намуд. Ӯ институти Маҷлиси Халқиро эҳё намуд ва ба он ҳуқуқи ҳаллу фасли баъзе масъалаҳои давлатиро вогузор кард. Барои ин амалаш сиракузиҳо ӯро «эҳёгари озодии халқ» меномиданд. Аз ибтидо А. ҳадаф дошт тамоми Ситсилияро таҳти ҳукумати худ муттаҳид созад. Солҳои 316 – 313 чандин ш-ҳои Ситсилия (Акрагант, Мессана, Гела ва диг.)-ро тасарруф намуд. Сипас ҷаз-ҳои Липар, Керкир ва Левкро ишғол карда, ба Италияи Ҷанубӣ рӯ овард. Пас аз марги А. давлати ситсилиягӣ аз байн рафт.

Б. Раҳматов.

АГАФО́КЛ (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз шоҳони давлати Юнону Бохтар ҳукмр. 180 – 1681. то м юнониасл. А. аз ҳарифони сарсахти *Евкрадит* (шоҳи Порт) буд ва дар ҳудуди Бохтар фармонфармоӣ мекард. Ӯ барои истиқлоли давлати Юнону Бохтар дар баробари Ашкониён саъю кӯшиш кардааст. А. ба ойин ва русуми юнонӣ содиқ буд, ҳамчунин ба фарҳанг ва суннати мардумони маҳаллӣ эҳтироми хос дошт. Чунончи, дар замони ӯ дар Бохтар парастишгоҳи бошукӯҳи буддоӣ бино карда буданд. Намунаҳои сиккаҳои бисёре ба номи ӯ то ба имрӯз расидаанд ва дар осорхонаҳо маҳфузанд.

Ад.: История таджикского народа, т. 1, Д., 1998. *Л. Бойматов.*

АГАХАНЯ́НС Окмир Егишевич (тав. 5. 1. 1927 – 28. 10. 2002, Санкт-Петербург), географ, доктори илмҳои география (1968), яке аз геоботаникҳои барҷастаи олам, узви вобастаи

Ҷамъияти байналхалқии географҳо, проф. (1969), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1990). Солҳои 1951 – 54 котиби илмии шӯъбаи фанҳои табиатшиносии АИ ҶТ ва 1954 – 68 муаллими Ин-ти давлатии педагогии Душанбе, УДТ ва мудири сектори геоботаникаи Пойгоҳи биологии Помир буд. Соли 1968 аз ҷумҳурӣ кӯч бастааст. Солҳои 1968 – 71 мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии Калининград ва аз с. 1971 проф. кафедраи географияи табиӣ ва мудири кафедраи геоботаникаи Инти педагогии Минск буд. Роҳбари як қатор экспедитсияҳои геоботаникии Помиру Дарвоз. Муаллифи беш аз 120 асари илмист. Асарҳои ӯ асосан ба масъалаҳои географияи набототи Тоҷикистон, хусусан Бадахшон (қисми зиёди умри хешро он ҷо гузарондааст), бахшида шудаанд. Муаллифи ғояи ҷойивазкунии ҷамоаи наботот зери таъсири баландшавии кӯҳҳо мебошад. Ғайр аз асарҳои илмӣ, инчунин маҷмӯаи қиссаҳои саргузаштӣ навишта, хотироти худро дар бораи Помир инъикос кардааст.

Ос.: Библиография Памира. Природа, Д., 1972; За растениями по горам Средней Азии, М., 1972; На Памире. Записки геоботаника, М., 1975; Растительность Западного Памира и опыт её реконструкции, Д., 1978; Аридные горы СССР, М., 1981; Один Памирский год, записки геоботаника, М., 1987; Сарез (Озеро на Памире), Л., 1989. *Ш. Тошева.*

АГГЛЮТИНА́ТСИЯ (лот. agglutinatio – ҳамроҳ сохтан, ба ҳам пайвастан), дар биология, зери таъсири агглютинин ном моддаи махсус ба ҳам часпида дурда ва таҳшон шудани бактерияҳо, унсурҳои ҳуҷайраи хун ва ғ. Агглютинин дар зардоби хун ҳангоми гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ ё иммунизатсия ҷамъ мешавад. Реаксияи А. барои муайян кардани гурӯҳи хун, намуд ва навъи микробҳои бемориҳои сироятӣ истифода мегардад.

АГГЛЮТИНА́ТСИЯ дар забоншиносӣ, тарзи калимасозӣ ё ба вуҷуд овардани шаклҳои нав бо роҳи ба асос ё решаҳои тағйирнаёбанда ҳамроҳ сохтан ё пайвастани вандҳо (аффиксҳо). Вандҳо паси ҳам тибқи силсилаи дараҷаашон меоянд. Мас., дар забонҳои туркӣ ба ҳиссаи номӣ аввал вандҳои шакли ҷамъ, баъд вандҳои соҳибӣ ва ҳолат (падеж) мепайванданд: тоғларда, ӯйларда, далаларда (дала-лар-да). Дар забони ӯзбекӣ – тоғ (кӯҳ), ӯй (хона), дала (саҳро) – лар (пасванди ҷамъбандӣ), – да – ҳолати ифодакунандаи маънои макон мебошад. Дар натичаи ба ҳамдигар ҳамроҳ шудан маънои «дар кӯҳҳо, дар хонаҳо, дар саҳроҳо» пайдо мегардад. Барои забонҳои агглютинативии мисли туркӣ ва банту низоми ташаккулёфтаи калимасозӣ ва тағйири калимаҳо ба воситаи вандҳо, надоштани вобастагии фонетикии алломорфӣ, намуди умумии тасрифӣ, ҳаммаъноии сарфу наҳвии вандҳо, дорои маънӣ набудан зимни табдилёбӣ хос аст.

Ад.: Лингвистический энциклопедический словарь, М., 1990; Ҳусейнов Х., Шукурова К., Луғати терминҳои забоншиносӣ, Д., 1983; Серебренников Б. А., Причины устойчивости агглютинативного строя и вопрос о морфологическом типе языка, дар кит. Морфологическая типология и проблемы классификации языков, М.–Л., 1965; Баранникова Л. И., Введение в языкознание, Саратов, 1973.

Н. Назаров.

АГЕ́НТИ АНДО́З, шахсест, ки корманди мақомоти андоз набуда, ба ӯҳдаи вай мутобиқи Кодекси андози ҶТ вазифаи ҳисоб кардани андозу пардохтҳои иҷтимоӣ, гирифтани он аз андозсупорандагон ва ба буҷети дахлдор ё фондҳои ғайрибуҷетии молиявӣ гузарондан вогузор шудааст. Барои иҷро накардани вазифаҳояш А. а. мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ ҷавобгӯ мебошад.

АГЕ́НТИ ДИПЛОМАТӢ, унвони умумии тамоми намояндаҳои расмии давлатӣ дар мамлакатҳое, ки фиристода шудаанд. Ҳуқуқи байналхалқӣ барои тамоми давлатҳои соҳибистиқлол, мухтор ҳуқуқ додааст, ки дар диг. давлат А. д. таъйин намоянд ва дар навбати худ аз диг. давлатҳо А. д. бипазиранд. Вале ин амал таҳмилӣ нест ва ин ё он давлат агар таъйини А. д.-ро ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо зарур нашуморад, дар амалаш мухтор аст. Давлат ҳамчунин салоҳият дорад як А. д.-ро дар чанд давлат таъйин кунад. Иваз кардани А. д. бо мувофиқаи тарафайн сурат мегирад. Новобаста аз таснифоти А. д. ҳуқуқи байналхалқӣ тафовути ҳуқуқие байнашон намегузорад ва имтиёзҳои онҳоро ба ҳеҷ вақҳ маҳдуд намесозад ва танҳо баъзе сафирон аз имтиёзҳои ҷанбаи маросимидошта бархурдоранд. Дар баробари А. д.-и доимӣ, давлат аксаран А. д.-еро барои иҷро намудани вазифаи кӯтоҳмуддати махсус таъйин мекунад (сафирони супориши махсусдошта). Гоҳо чунин маъмурият (миссия) ба хотири маросиме созмон дода мешавад (тоҷгузорӣ, ҷашнҳо, идҳо, тантанаҳо, дафни сарони давлат, табрикот ва ё расондани ягон хабари ниҳоят муҳим. Вазифаи умдаи А. д. асосан аз намояндагии давлати худ иборат буда, аз номи ин давлат баромад карда, манфиатҳои онро ҳимоят менамояд, бо муассисоти корҳои хориҷии давлате, ки дар он ифои вазифа дорад, муколамаву мукотиба мекунад, актҳо, мувофиқатномаҳо ва шартномаҳои мавриди заруратро тартиб дода ба имзо мерасонад. А. д. барои иҷро намудани вазифааш комилан таҳти ҳимоя қарор дорад ва дахлнопазиру суднашаванда аст.

АГЕНТИ́И МИЛЛИ́И СОЗМО́НИ РАҚАМГУЗОРИ́И СТАНДА́РТИ БАЙНАЛМИЛАЛИ́И КИТО́Б – ХОНА́И КИТО́БИ ТОҶИКИСТО́Н, муассисаи давлатии Вазорати фарҳанги ҶТ, маркази библиографияи давлатӣ. 2 июли 2005 мувофиқи Қарори Ҳукумати ҶТ № 239 дар заминаи Палатаи давлатии китоби ҶТ таъсис ёфтааст. Палатаи давлатии китоби ҶТ бо Қарори КМ ҲК Тоҷикистон аз 14 июни 1934 «Дар бораи васеъкунии маҷмӯи китобхонаҳо ва беҳтарнамоии ташкили кори китобхонаҳо дар Тоҷикистон» ва Қарори Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷ. аз 20 дек. 1935 ташкил гардид. Ҳадафи он роҳандозии библиографияи давлатӣ, фароҳамоварию ҳифзи нусхаҳои ҳатмӣ-назоратии осори нашрӣ, таъсиси бойгонии матбуот, ҳисоби омории маҳсулоти чопӣ ва маълумотдиҳии библиографӣ буд. Он давоми шаст сол корҳои зиёдеро дар ин самтҳо ба иҷро расонд, ки муҳимтаринаш ба вуҷуд омадани бойгонии матбуоти тоҷик мебошад. Бо таъсиси Агентӣ ин муассиса ҳамчун намояндаи Созмони рақамгузории стандарти байналмилалии китоб (ISBN) амал мекунад ва нашри китобу ҷузва ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонда шуд. Раванди ирсоли нусхаҳои ҳатмии осори нашриро Қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 дек. 2005, № 482 «Дар бораи фиристодани нусхаҳои ройгони назоратӣ ва ҳатмии матбуоти даврӣ ба мақомот ва ташкилоти дахлдори давлатӣ», дигар меъёрҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим медароранд. Ҳоло муассиса дар самти қабулу назорат ва ҳифзи нусхаҳои ҳатмии осори нашрӣ, библиографияи давлатӣ, омори матбуот, библиографияи тарҷеъ, хизматрасонии иттилоотӣ, тахсиси арқоми ISBN ба ноширон ва ғ. фаъолият мебарад. Дар бойгонии он зиёда аз 2, 5 млн нусха маҳсулоти чопӣ ҳифзу нигоҳдорӣ мешавад. Агентӣ дорои нашрияи худ – «Солномаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст, ки соле ду маротиба

ба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад. *С. Икромӣ, С. Гуломшоев.*

«АГЕНТИ́И ПО́РС», нахустин агентии иттилоотии мустақил дар ҶИЭ. Соли 2003 таъсис ёфтааст. Рӯҷеъ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаи Эрон – сиёсат, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоъ, ҳуқуқ, умури ҳарбӣ, варзиш ва ғ. ахбор пахш мекунад. Хабарҳо ба форсӣ (аз с. 2005 ба забони англисӣ низ) пахш мешаванд. «А.» ҳамчунин матолиби таҳлилӣ ва мусоҳиба бо ашхоси маъруф ва босалоҳиятро омода менамояд. Хабарҳо аз тариқи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет дар чор сомона пахш мегарданд. «А.» дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон (аз с. 2009) намояндагӣ дорад. *М. Абдуллоев.*

АГЛОМЕРА́Т (лот. agglomero – ғун мекунам, тӯда мекунам), 1) дар петрография, тӯдаи пораҳои чинсҳои кӯҳӣ. Дар натиҷаи ба ҳам часпида сахт шудани резапораҳои А. *брекчия*, туфҳо (масолеҳи бинокорӣ) ва ғ. ба вуҷуд меоянд; 2) дар металлургия, порча ва ғурӯшаҳои маъдан, ки бо роҳи дар мошинҳои махсус тафсонда ба ҳам часпондани резаю хокаи маъдан ҳосил карда мешавад.Ниг. *Агломератсия.*

АГЛОМЕРА́ТСИЯ (аз лот. agglomero – пайваст мекунам, ҷамъ мекунам), дар металлургия, раванди термикии дар мошинҳои агломерат ғурӯша кардани резаҳои маъдан бо роҳи тафсонда ба ҳам часпондани онҳо. Дар натиҷаи А. маъдани хокаву реза ба шакл ва хосиятҳои барои гудозиш мувофиқ соҳиб мегардад. Ҳангоми аз ғаш қисман тоза кардан ва аз як ҷо ба ҷойи дигар кашондан маъдан реза мешавад. Ғайр аз ин, дар ҷараёни газҳои аз дудкаши домна хориҷшаванда низ заррачаҳои *шихта* мавҷуданд, ки онҳоро бо усулҳои махсус ҷамъ мекунанд. Барои истифодаи маводи резаю хока онҳоро дар мошинҳои махсуси агломерат «пухта», порчаву ғурӯшаҳои калон-калон (агломерат) ҳосил мекунанд. Маъданрезаҳои андозаашон 2 – 3 мм, хокаи домна ва сӯзишвориро ба дӯл меандозанд. Он аз дӯли меъёргир ба асбоби омезанда ва аз он ба олати намкунанда интиқол дода мешавад. Баъди то дараҷаи муайян нам шудан, омехта ба қуттии поёнсӯрохи тасмаи конвейер мерезад. Қуттии пур аз омехтаро конвейер ба зери тафсонанда меорад ва омехта аланга мегирад. Дар минтақаи сӯзиш, ки ҳарор. то 1200 – 1500^{0}C мерасад, қисми муайяни шихта гудохта мешавад. Ҳангоми ба қабатҳои поёнии шихта гузаштани минтақаи сӯзиш қабати нимгудохташудаи боло сард шуда, маводи майдаро ба ҳам мечаспонад ва агломерати яклухт ба вуҷуд меояд. Онро майда карда, ба порчаву ғурӯшаҳо табдил медиҳанд. Маҳсули кори чунин мошинҳои агломерат дар як соат ба 200т мерасад.

АГЛОМЕРА́ТСИЯИ ШАҲР (аз лот. agglomero – ҷамъ меоварам), ҳамроҳшавии шаҳрҳои хурд, шаҳракҳо ё ҳудудҳои маскуни музофот дар атрофи шаҳри калон. Истилоҳи А. ш.-ро географҳо ва урбанистҳои (шаҳрпарастони) франсавӣ ҷорӣ кардаанд. Ташаккули А. ш. аз а. 19 сар шудааст. Ҳамвора бо тараққӣ кардану васеъ гардидани шаҳри асосӣ рустову деҳкадаҳо, нуқтаҳои алоҳидаи аҳолинишин, манзилу мулкҳои қадқади шоҳроҳҳо ҷойгирифта ва ғ. бо он махлут мешуданд. А. ш.-и замонавӣ дар шакли вусъатёбии сохтмони иморатҳои бисёрошёнаи муттасил ё ҷо-ҷо биноёфта (баъзан байни биноҳои баланд боқимондаи деҳе ё муҳити табиӣ нигоҳ дошта мешавад), бунёд гардидани шабакаи роҳу шоҳроҳҳо, тағйири шароити зисту фаъолияти сокинони музофот, таҳкими алоқаҳои иқтисодию фарҳангии онҳо бо марказ ва ғ. зоҳир мешавад (барои кор ё таҳсил ба шаҳр омада рафтани сокинони музофот; барояшон дастрас будани ҳаёти маишию маданию фарҳангии шаҳр ва ғ.). Андозаи А. ш. аз дараҷаи тараққиёти нақлиёт вобаста аст; суръати воситаҳои нақлиёт ҳар қадар баланд бошаду шумораашон зиёд, ҳудуди агломератсия ҳамон қадар васеъ мешавад (мас., шоҳаҳои дурраси р. о. ва воситаҳои зудраси нақлиёт – метро, электропоездҳо; киштиҳо ва катерҳои зудгард дар роҳҳои обӣ). А. ш. аз рӯи масоҳат, нуфуси аҳолӣ ва шумораи шаҳрҳои ба шаҳри асосӣ ҳамроҳшуда хурд, миёна, калон ва бузург мешавад. Он якмарказӣ ва бисёрмарказӣ мешавад. Мас., Париж, Лондон, Милан, Москва – агломератсияи якмарказӣ; Ростов (Таганрог, Ростови лаби Дон, Азов, Батайск, Новочеркасск, Шахти, Новошахтинск) – бисёрмарказӣ. Сернуфустарин А. ш.-и ҷаҳон агломератсияи Токио (33,8 млн нафар), Мехико (21,9 млн), Нию Ёрк (21,8 млн), Сеул (21,7 млн), Сан-Пауло (20,2 млн), Мумбай (18,8 млн), Ҷакарта (16,3 млн), Қоҳира (15,6 млн), Москва (15,4 млн), Истанбул (10,9 млн), Теҳрон (10,8) ва ғ. мебошад. А. ш.-и фавқулода бузургро «мегалополис» меноманд. Мегалополисҳо минтақаҳои яклухт урбанизатсияшудаи иборат танҳо аз сохтмонҳои шаҳрӣ мебошанд: мас., мегалополиси «Босваш» (яъне аз Бостон то Вашингтон, ШМА) мебошад, ки наздики 42 млн аҳолӣ дошта, 50 А. ш.-ро муттаҳид кардааст.

Дар Тоҷикистон Душанбе якҷоя бо ш-ҳои Турсунзода ва Вахдат, ноҳияҳои Ҳисор ва Рӯдакӣ; Хуҷанд бо ш-ҳои Қайроққум, Чкаловск, ноҳ. Бобоҷон Ғафуров А. ш.-ро ташкил медиҳанд. Фаъолияти сокинони шаҳру ноҳияҳои зикршуда бо пойтахт ва маркази вилоят вобаста буда, онҳо ин ҷо кору таҳсил мекунанд, дар ҳаёти иқтисодиву фарҳангии ин ду шаҳр иштироки бевосита доранд. Ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиёт дар ҳудудҳои мазкур таъмингари ин иртиботанд. *М. Шарифзода.*

АГНО́ЗИЯ (аз *a* – ҳиссачаи инкорӣ ва юн. gnosis – дониш, маърифат), дуруст тасаввур ва дарк карда натавонистани предмет ва ҳодисаҳо, ки дар натиҷаи осеб ёфтани маркази олии асаб (ҳангоми хуншоршавии майна, омос, садамаи мағзи сар ва ғ.) ба амал меояд. Вобаста ба осеби қисмҳои алоҳидаи қишри майна А. босиравӣ, сомеавӣ шоммавӣ, ломисавӣ мешавад. Дар мавриди А.-и босиравӣ ё «нобиноии рӯҳӣ» бемор баъзе аломатҳо (мас., ранг, шакл)-и ашёро дарк карда тавонад ҳам, худи онро намешиносад; ҷузъиёти барои ашё фаъриро мебинад, вале аломатҳои асосии онро ҷудо ва худи предметро номбар карда наметавонад. Ҳангоми осеб дидани пушт ва фарқи сар бемор наметавонад ҳолати худро дар фазо муайян созад, чапро аз рост фарқ бикунад, самти ҳаракатро ёбад. Дар мавриди А.-и сомеавӣ ё «гӯшвазнинии рӯҳӣ» қувваи шунавоӣ боқӣ мемонад, вале лаёқати ҷисмҳоро аз рӯи овоз донистан, шинохтан ва фарқ карда тавонистан гум мешавад. Бемор обро аз шилдиросаш ё сагро аз аккос заданаш фарқ карда наметавонад. Ҳангоми А.-и ломисавӣ бемор ашёеро, ки бо чашми қушода мешинохт, бо чашми пӯшида бо ламс фарқ намекунад. Яке аз шаклҳои махсуси А. надонистани ҷисми худ мебошад, ки дар натиҷаи осеби нимкураи рости майна ба мушоҳида мерасад. Бемор андомҳои худро намешиносад, эҳсос мекунад, ки чанд дасту пой дорад. Аз ин рӯ, А. ба ихтилоли ҷузъии ҳолати руҳӣ мансуб аст.

АГНО́Н (насабаш Халеви Чачкес) Шмуэл Йосеф (17. 7. 1888 – 17. 2. 1970), нависандаи Исроил. Дар ш. Бугачк Галитсия (Австро-Венгрия) ба дунё омадааст. Асосан ба забони ив-

рит менавишт. Маълумоти динӣ гирифтааст. Таъсири дин дар осораш ба назар мерасад. Дар 18-солагӣ ба ш. Львов омада дар рӯзномаи яҳудӣ ба кор даромад. Баъдан гоҳ дар Иерусалим, гоҳ дар Берлин зиндагӣ кардааст. Аз с. 1908 сокини Иерусалим шуд. Соли 1909 повести нахустинаш «Занҳои таркшуда» (ба забони иврит «Agunot») чоп шуд. Ҳамин калимаро тахалл. интихоб кардааст. Соли 1912 дар Берлин бо соҳибкор З. Шокен шинос шуд ва дар матбааи ташкилнамудаи ӯ асарҳояшро («Маҷмӯаи ҳикоёт», 1931) ба табъ расонд. Асарҳои машҳури А. романҳои «Амории тӯй» (нашр 1931), «Меҳмони шабонгоҳӣ» (1937), «Ҳикоёти мағфират» (1967) ва ғ. мебошанд. А. дар асарҳояш зиндагиву кору бори нодорон, камбизоатони зиндадилу хушҳоли деҳоти Исроилро дар омехтагӣ бо ҳазлу мутоиба, хаёлоти бадеӣ, киноёт, зарофатгӯиҳо ва ғ. тасвир намудааст. Бо Мукофоти Нобел (1966) қадр шудааст.

Ад.: Фиш Г., Очерки современной израильской литературы, М., 1994.

АГНОСТИСИ́ЗМ (аз юн. aqnostos – донистанашаванда), таълимоти фалсафиест, ки имконияти донисташавии қонуниятҳои табиату ҷамъиятро маҳдуд карда, дастнорасии Ҳақиқати мутлақро барои хиради инсон собит карданӣ мешавад, эътимодро ба нерӯи ақли инсон кам мекунад. Дар фалсафаи қадим ҷараёни шаккокия вуҷуд дошт, ки таърихан шакли аввалини А. маҳсуб меёбад. Истилоҳи А.-ро табиатшиноси англис Т. Гексли с. 1869 ҷорӣ намуда бошад ҳам, ифодаи мавқеи А.-ро дар фалсафаи антиқа, мас., дар таълимоти Протагор, софистон ва шаккокияи антиқӣ метавон пайдо кард. Дар фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқи Наздик ва Миёна А. хусусан дар таълимоти баъзе пайравони калом, аз ҷумла Муҳаммади Ғазолӣ равшан ба назар расида, дар шакли масъалаи муносибати байни ақлу эътиқод ва хираду имон зоҳир мегашт. Дар фалсафаи асрҳои миёнаи исломӣ ин равия ба номи лоадрия машҳур буд ва тарафдорони он мӯътақид буданд, ки ҳукми қатъӣ барои имкони ҳосил кардани илм ва ё ғайриимкон будани онро наметавон собит кард.


А. дар системаи фалсафии Давид Юм нисбатан хубтар ҷилвагар шудааст. Ба ақидаи ӯ тамоми маърифат танҳо бо таҷриба сарукор дошта, аз ҳудуди он қатъан баромада наметавонад, бинобар ин қудрати дар бораи муносибати байни таҷриба ва воқеият ҳукм ронданро надорад. Иммануил Кант тафриқаи қатъии «чизи ба худ» ва «чизи барои мо»-ро асоси таълимоти маърифати назарии худ қарор дод, яъне ба мавқеи А. гузашт ва тафриқаи мазкурро ҳамчун мабдаи таҳлили фаъолии дохили тафаккур истифода бурд. Ӯ нишон дод, ки мутобиқати байни олами объективӣ ва системаи донишро бо роҳи сирф мантиқӣ муқаррар кардан, табиати маърифатро бидуни таҳлили махсуси имкониятҳои маърифатии субъект ошкор намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, Кант мавҷудияти ҳади қатъии байни маърифат ва воқеиятро исрор намуда бошад ҳам, нишон дода натавонист, ки чӣ гуна маърифат қудрати инсониятро дар азхудкунии табиат афзун мегардонад.

Дар баъзе равияву мактабҳои фалсафаи баъди Кант унсурҳои А. хусусан дар соҳаи маърифати иҷтимоӣ назаррасанд. Ин, қабл аз ҳама хоси мактабҳои гуногуни позитивизм ва неопозитивизм аст. Ҳоло яке аз зуҳуроти хоси А. мавқеи гносеологии конвенсионализм аст, ки мувофиқи он муносибати байни факт ва гуфтори мансуби он сирф шартист, чунки ҳамон як фактро дар гуфторҳои мухталиф метавон тавсиф кард. Шакли дигари хоси А.-и неопозитивизм даст кашидан аз ҳар гуна ҳалли масъалаи муносибати маърифат ба воқеият аст, ки мувофиқи он масъалаи мазкур аз ҷумлаи масъалаҳои «метафизикӣ» буда, ҳалли «қатъӣ»-ро талаб намекунад. Мавқеи А.-ро реализми танқидӣ ҳам ҳимоя мекунад. Яке аз намояндагони асосии равияи мазкур Ч. Сантаяна иддао дорад, ки маърифат хислати сирф рамзӣ дошта, сабаби эътиқод ва ҳаққонияти он дар ниҳояти амр имони хоси инсон аст. Чунин шакли А. ба таҳрифи робитаи мутақобилаи тафаккур ва фаъолияти ашёиву амалӣ асос ёфтааст.

Материализми диалектикӣ масъалаи табиати фаъоли маърифатро инкишоф ва нишон додааст, ки муқаррар кардани фаъолии тафаккур аз нуқтаи назари муроқибавӣ ғайриимкон буда, барои ин бояд худи тафаккурро ҳамчун лаҳзаи фаъолияти томи ашёиву ҳиссии инсон баррасӣ намуд. Зимнан худи инсонро ҳамчун субъекти таърихан муайяни ҷамъиятӣ бояд фаҳмид. Ба ин восита асоснокии ҳақонияти маърифат, исботи мутобиқати байни маърифату воқеият аз соҳаи назария ба амалия гузаронида шуд. Агар амалияи ҷамъиятии таърихӣ ба инсон имконият диҳад, ки ӯ бар табиат беш аз пеш зиёдтар ҳукм ронад, муносибатҳои ҷамъиятиро такмил диҳад, усулу воситаҳои фаъолияти фикриро инкишоф диҳад, пас ин чунин маъно дорад, ки маърифат ба инъикоси воқеият боз ҳам наздиктар мешавад. *К. Олимов.*

А́ГРА, шаҳр дар қисмати шимолии Ҳиндустон, дар соҳили рости д. Ҷамнаи штати Уттар-Прадеш. Аҳолиаш 1686976 нафар (2010). Забони асосии гуфтугӯӣ – ҳиндӣ, инчунин урду ва панҷобӣ. А. маркази бузурги нақлиёт ва саноати хӯрокворию косибӣ буда, дар он ҷо пойафзори чармӣ, матоъҳои пахтагӣ, маснуоти заргарӣ, сангҳои қиматбаҳои ороишӣ, санги мармар ва регсанги сурх, металлҳои ранга истеҳсол мешаванд. А. комбинати ресмонресӣ, маркази сайёҳӣ, донишгоҳ ва аэропорт дорад. Аз ҳудуди А. хати асосии р. о. Нию-Деҳлӣ – Мумбай мегузарад. А. аз дер боз яке аз марказҳои сиёсӣ ва фарҳангии мусулмонони Ҳинд будааст. Дар миёни муҳаққиқин роҷеъ ба маънии истилоҳи А. ихтилофи назар аст. Гурӯҳе бар ин ақидаанд, ки А. ба маънии «ҳавзчаи намак» аст, чунки хоки ин ноҳия дорои намаки фаровон мебошад; бархе мӯътақиданд, ки номи А. бар пояи тоифаи бозаргонони «агроволл»-и ҳиндӣ номгузорӣ шудааст, ки дар ин ноҳия сукунат доштаанд; иддае чунин мешуморанд, ки А. мавзеест, ки Кришна овони ҷавонии худро дар он ҷо гузарондааст; гурӯҳе мӯътақиданд, ки А. аз забони ҳиндии бостон «Агра-ҳора» ба маънии заминҳои эҳёшуда ба роҷаҳо аст. Бозёфтҳо ва асноди бостоншиносии аз А. бадастомада собит менамоянд, ки ин ноҳия аз замонҳои қадим дорои аҳамияти фарҳангӣ ва таърихӣ будааст. Ишора ба номи ш. А. нахустин бор дар қасидаи шоир Масъуди Саъди Салмон, ки дар мадҳи Сайфуддавла – шоҳзодаи ғазнавӣ навиштааст, омадааст ва А. дар тобеияти султон Маҳмуд будааст. Аммо баъд аз бозгашти султон *Маҳмуди Ғазнавӣ* аз Ҳинд (1022) А. ба дасти салотини маҳаллии ҳиндумазҳаби Деҳлӣ қарор гирифт. Пас аз *Ғазнавиён,* салтанати Панҷоб ба дасти салотини Ғурӣ гузашт. Султон Муиззуддин Муҳаммади Сом, маъруф ба Шиҳобуддин, атрофи онро ба яке аз ғуломони худ ба номи Қутбуддини Ойбек (Айбек), ки ба мақоми амирӣ расида буд, дод. Пас аз ин, Деҳлӣ муҳимтарин маркази ҳукумати мусулмонон дар Ҳинд шуд. Дар даврони салтанати дудмонҳои исломии *халҷиён, туғлуқиён* ва *«со-*

доти»-и Деҳлӣ А. гоҳе ба дасти ҳокимони маҳаллии ҳиндумазҳаб ва гоҳе ба дасти ҳокимони мусулмон гузашт ааст. Баъдҳо дар даврони салтанати хонадони *лудиён* (а-ҳои 15 – 16) пойтахт аз Деҳлӣ ба А. интиқол дода шуд ва А. аҳамияти таърихии худро аз ин замон пайдо намуд. Соли 1505 дар А. зилзилаи сахте рух дод ва шаҳр хароб гардид. Салотини лудӣ дар ободонӣ ва тавсеаи А. саҳми зиёде доштанд. *Бобур* ва писараш *Ҳумоюн* муддате дар А. сукунат ихтиёр карданд ва А. рӯ ба тараққӣ ниҳод. Бобур ва подшоҳони дигари темурӣ дар А. боғҳои бисёре сохтанд, ки бархе аз онҳо то кунун мавриди истифодаанд (Мас., Чаҳорбоғ, Гулафшон, Ҳашт биҳишт, Зарафшон, Ромбоғ ва ғ.). Амирон ва ашрофи дарбор ҳам дар ду соҳили Ҷамна ба шевае, ки дар Мовароуннаҳр ва Эрон расму одат буд, боғҳо ва биноҳо сохтаанд, ки мардумони маҳаллӣ он ҷоро «Кобул» меномиданд. Дар аҳди салтанати Ҳумоюн ва Шершоҳ хеле равнақ ёфт ва дар он биноҳои маъруф, аз қабили «Кулли масҷид» (яъне масҷиди ҷомеъ) ва расадхона (ҳоло боқимондаи он бо номи «Ёздаҳпилла» ёд мешавад) сохта шуданд. Дар замони *Акбар* дубора ободонӣ ва тавсеаи А. дар ду тарафи рудхонаи Ҷамна оғоз шуд. Дар ин замон дар А. чанд бино сохта шуд, ки аз биноҳои пурарҷтарини меъмории исломӣ ба шумор мераванд. А. ҳамчунин маркази илму адаби ҷаҳони ислом буд. Дар ин ҷо донишмандон, шоирон ва адибон аз нуқоти мухталиф ҷамъ шуда буданд. Ҳаёти илмӣ ва фарҳангии дарбори Темуриёни Ҳинд дар осори муаррихони исломӣ ва сафарномаҳои донишмандон ва сайёҳони европоӣ ба тафсил дарҷ ёфтааст. Дар замони Акбаршоҳ дар А. дар соҳили ғарбии Ҷамна қалъаи бузурге аз санги сурх ва сангҳои рангин сохта шуд. Сохтмони ин қалъа ҳашт сол тӯл кашид. «Қалъаи Акбаршоҳ», «Дарвозаи Деҳлӣ», «Акбардарвоза» (имрӯза «Дарвозаи Амар Сингх»), «Ҳаммоми шоҳ», «Масҷиди шоҳ» ва ғ. аз осори меъмории замони Темуриёни Ҳинд дар А. маҳсуб мешаванд, ки бархе аз онҳо имрӯз ҳам ба сурати аввалия боқӣ мондаанд. Дар замони Акбар А. «Акбаробод» низ номида мешуд. Наҳрҳо, иншоотҳои обӣ, мадрасаҳо ва шаҳракҳои нав дар атрофи А. аз муҳимтарин иқдомоти Акбаршоҳ маҳсуб мешаванд. Мақбараи Акбаршоҳ низ дар Сандараи А. қарор дорад. Дар давраи шоҳ *Ҷаҳонгир* биноҳои бисёре сохта шуданд, аз қабили: Мақбараи Эътимодуддавла (падари *Нурҷаҳонбегим*), Ҳаммоми-Аловардихон, Масҷиди Мӯътамадхон, Боғи Баландхон (раиси хоҷагони ҳарамсаро) ва Мақбараи Акбаршоҳ дар Сандара. Муҳимтарин ва арзишмандтарин биное, ки дар даврони *Шоҳҷаҳон* дар А. сохта шуд, мақмааи *«Тоҷмаҳал»* мебошад, ки шоҳ барои хотираи ҳамсараш Арҷмандбону (Мумтозмаҳал) бино кардааст. Аз осори меъмории А.-и замони Шоҳҷаҳон ҳамчунин Масҷиди ҷомеи шаҳр, Идгоҳи шаҳр, Масҷиди Марворид, Шишамаҳалро (Қасри оинакорӣ) метавон ном бурд. А. ҳатто пас аз марги Ҷаҳонгир дар оғози салтанати *Аврангзеб* маркази ҳукумати Темуриёни Ҳинд буд. Аврангзеб пойтахтро аз А. ба Деҳлӣ кӯчонд. Аз муҳимтарин осори меъморие, ки дар замони Акбаршоҳ дар А. сохта шудааст, «Нигина масҷид» (дар дохили қалъа), шабакаи девори сафед дар гирди Мақбараи Шоҳҷаҳон, «Масҷиди Оламгир» ва ғ. мебошанд. Бо интиқоли пойтахт аз А.ба Деҳлӣ ин шаҳр аҳамияти сиёсӣ ва фарҳангии худро аз даст дод. Соли 1803 англисҳо А.-ро забт карданд. А. дар замони ҳукумати англисҳо маркази штати шимолӣ – ғарбӣ буд. Муассисаҳо ва созмонҳои давлатии Англия дар А. қарор доштанд. Соли 1857 дар А. шӯриши мардумӣ рух дод. Дар даврони ҳукумати англисҳо бахши бузурге аз осори таърихии А. хароб гардид. Бисёре аз биноҳои қалъа ба идораҳои давлатӣ табдил дода шуданд ва қисме чун масолеҳи сохтмони биноҳои нав истифода шуданд. Аз корҳои муҳиме, ки дар замони ҳукумати англисҳо анҷом шуд, сохтмони р. о. аз Деҳлӣ то А., бемористон («Томсон - Ҳоспитал»), мадрасаҳои типи англисӣ, таъсиси донишгоҳ ва коллеҷҳои вобаста ба он, деворҳои олии шаҳр, зиндони марказӣ ва ғ. мебошанд.



Агра. Қалъаи Сурх.

Ад.: Абулфазл Аллома, Ойини Акбарӣ, ҷ-ҳои 1 – 2, Калкатта, 1876 – 1877; Неру Дж., Открытие Индии, М., 1955; Бабур Захириддин Мухаммад, Бабур - наме («Записки Бабура»), Пер. М. Салье, Ташкент, 1958; История Индии в средние века, М., 1968; Ашрафян К. З., Феодализм в Индии: особенности и этапы развития, М., 1977; ҳамон муалл., Средневековый город Индии XIII – середины XVIII вв., М., 1993. *Л. Бойматов.*

АГРАНУЛОСИТО́З (аз *а* – ҳиссачаи инкорӣ, лот. granulum – дона ва юн. kytos – ҳуҷайра), дар хун нест ё ниҳоят кам шудани *гранулоситҳо*. А. ҳангоми бемориҳои сироятӣ (домана, сил, варача), авитаминоз, касалиҳои хун, таъсири бевоситаи моддаҳои химиявӣ (мас., буғи бензол), нурҳои ионизонанда, ҳассосии организми баъзе одамон ба дорувор (давоҳои сулфаниламидӣ, амидопирин, баъзе антибиотикҳо ва ғ.) пайдо мешавад. Баъзан А. дар натиҷаи реаксияи аллергии организм ва ҳосил шудани аутоантителаҳо бар зидди лейкоситҳои хун низ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми А.-и шадид дар пардаҳои луобӣ ва бодомакҳо чароҳатҳо пайдо шуда таб якбора баланд (баъзан табларза) мешавад, беҳоливу

бемадорӣ рух медиҳад. Дар хун ададu нейтрофилҳо кам мегардад. А.-и такрорӣ бештар дар мавриди дубора қабул кардани баъзе давоҳо ва алоқамандӣ бо моддаҳои химиявӣ ба амал омада, нишонаҳои он гоҳ авҷ мегиранд ва гоҳе хомӯш мешаванд. А.-ро бо роҳи хунгузаронӣ, истифодаи витаминҳо (B_2, B_6, B_{12}), дорухои гормонӣ, антибиотикҳо ва ғ. табобат менамоянд.

АГРАНУЛОСИ́ТҲО (аз *а* – ҳиссачаи инкорӣ, лот. granulum – дона ва юн. kytos – ҳуҷайра), ҳуҷайраҳои сафеди (лейкоситҳои) хуни ҳайвонот ва одам, ки ситоплазмаашон дона (гранулаҳо) надорад. Дар таркиби хуни бисёр ҷонварони бемӯҳра як ва дар таркиби хуни ҳайвоноти мӯҳрадор ва одам ду навъ А. (лимфосит ва моносит) мавҷуд аст.Ниг. низ *Гранулоситҳо*.

АГРА́ФИЯ (аз *а* – ҳиссачаи инкорӣ ва юн. grapho – менависам), ихтилоли нутқ, ки дар натиҷаи он бемор қобилияти навиштанро гум мекунад. А., одатан, дар мавриди суст инкишоф ёфтан ё осеб дидани қисмҳои пасисарӣ ва паси фарқисарии қишри нимкураи чапи майна (дар ростнависҳо) мушоҳида мешавад. Ҳангоми А. бемор ё аз ҳарфҳо калима сохта наметавонад ё дар вақти навиштан баъзе ҳиҷоҳоро мепартояд, ё ҷойи онҳоро иваз карда менависад.

АГРЕГА́Т (лот. aggrego – мепайвандам), 1) дар техника – банд (узел)-и муттаҳид ва якхела кардашудаи мошин (ё маҷмӯи мошинҳо), ки пурра ивазшаванда буда, амалҳои алоҳидаро мустақилона иҷро мекунад (мас., генераторҳо, муҳаррикҳои электрикӣ, турбогенератор, редуктор, насос ва ғ.). Баъзан истилоҳи «А.» барои ифода кардани ду ва ё аз он зиёд мошинҳо, ки якҷоя кор мекунанд, истифода мегардад. Қисматбандии мошинҳо (маҷмӯи мошинҳо) аз А.-ҳои якхелаи ҳамдигарро ивазкунанда ҳангоми сохтани мошинҳои таъйиноташон гуногун васеъ истифода бурда мешавад, чунки барои оқилона ташкил намудани истеҳсол ва истифодаи онҳо имкон медиҳад. Мас., ҳангоми сохтани як намуди мошинҳои таъйиноташон гуногун як қатор бандҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки барои ҳамаи мошинҳо якхела ва ё хеле монанд мебошанд (мас., муҳаррик, тири пеш ва ғ.). Ин барои зиёд кардани истеҳсоли баъзе бандҳо ва паст намудани арзиши тайёркунии онҳо имкон медиҳад; 2) дар минералогия ва петрография маҷмӯи минералҳо ё як минерали танҳо, ки аз он ҷинси кӯҳӣ, маъдан, друза, оолит, сферолит ва ғ. ҳосил шудаанд. Аз рӯи сохт А. нарм, хокамонанд, шӯшамонанд, зич, кристаллӣ, ғурӯша ва ғ. мешавад; 3) дар кишоварзӣ – мошин ва олатҳое, ки ба якдигар пайваст карда ба кор мебаранд (ниг. *Агрегати мошину трактор*); 4) дар иқтисодиёт – нишондиҳандаи макроиқтисодии ҷамъбасткунанда, таснифоти ҷамъбастии оморӣ ва асос барои тарҳрезии системаҳои иқтисодӣ.

АГРЕГА́ТИ МОШИ́НУ ТРА́КТОР, маҷмӯи техникие, ки аз трактор (манбаи энергия) ва як ё якчанд мошин (олот) иборат буда, онҳо ба ҳамдигар ба воситаи асбобҳои васлгарӣ, системаҳои идора, танзим ва назорат пайваст шудаанд. А. барои иҷрои корҳои кишоварзӣ пешбинӣ гаштааст. А. гуногун мешавад: аз рӯи таъйинот – технологӣ (шудгоркунанда, тухмипош, ҳосилғундор ва ғ.), нақлиётию технологӣ (мас., нурипош), нақлиётӣ, боркунандаю борфарор; аз рӯи тарзи кор – сайёр, муқимӣ, муқимию сайёр; аз рӯи тарзи ба трактор пайвастан – ядакӣ, нимядакӣ (нимовеза), овеза; аз рӯи миқдори мошинҳои агрегат – якмошина ва бисёрмошина; аз рӯи кор – сода, мураккаб, комплексӣ; аз рӯи ҷойгирии мошин нисбат ба трактор ва меҳвари он – аз пеш, мобайн, қафо, паҳлӯ ва муштарак. А.-ҳое, ки барои парвариши растаниҳои каландӣ истифода мешаванд, А.-и нармкунанда ном доранд. Қисмҳои ҳаракат ва кори онҳо ба васеии байни ҷӯякҳо ва баландии зироат мувофиқ аст. Барои шудгор, молакунӣ, кишти зироати ғалладона, нурипошӣ ва ғ. А.-ҳои таъйиноташон умумӣ истифода мешаванд. Муқовимати кашиши мошинҳо (олат, қисмҳои корӣ) дар А. бояд ба қувваи кашиши трактор созгор бошад. А.-ро дар саҳро месанҷанд. Таркиби агрегатҳои трактории нақлиётӣ (адади ядакҳо, вазн ва иқтидори борбардорӣ) вобаста ба самти ҳаракат, дарозӣ, хел ва ҳолати роҳ муайян карда мешавад. Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ намудани технологияи сермаҳсули парвариши зироатро тақозо менамояд. А. дар соҳаи боғу токдорӣ низ васеъ истифода мешавад. Барои нуриандозӣ, нарм кардани бехи ниҳолҳо, пошидани дору, кашондани мевачот, токбурӣ, ғундоштани токпилла ва диг. корҳо А.-ҳои махсус вучуд доранд.

АГРЕМА́Н (франс. agreman – тасдиқ мекунам), мувофиқаи давлати қабулкунанда барои тасдиқ намудани шахси мушаххас (агенти дипломатӣ) ба ҳайси сарвари намояндагии дипломатии (сафир, фиристода, намояндаи дипломатӣ) давлати хориҷӣ. А. ҷавоб ба дархости давлати хориҷист. Дархост вобаста ба дараҷа, рутба, мартабаи зинаи агенти дипломатӣ (сафир, фиристода) ба мансабдори дараҷаи баланди давлати қабулкунанда (сарвари давлат, раиси ҳукумат) ва ё дар ҳолати таъйини намояндаи дипломатӣ ба сарвари муассисаи байналмилалӣ муроҷиа мешавад. Давлат салоҳият дорад А.-ро рад кунад ва ин тасмимашро тафсир накунад. Одатан раддия дар шакли ҳасанаи машваратона – пешниҳод кардани каси дигар сурат мегирад. *Б. Раҳматов.*

А́ГРО... (аз юн. agros – саҳро), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки ба кишоварзӣ мансуб будани онҳоро ифода мекунад, мас., *агроклиматология, агрохимия, агрофизика, агробиосеноз.*

АГРОА́КСИЯИ ГЕРМА́НИЯ (Welt hungen hilfe), созмони байналмилалӣ. Соли 1961 ҳамчун комитети миллӣ бо дастгирии Барномаи СММ оид ба маводи хӯрока ва кишоварзӣ таъсис ёфтааст. А. Г. яке аз созмонҳои бузурги ғайридавлатии Германия оид ба расондани кӯмак ба осебдидагон аз офатҳои табиӣ мебошад. А. Г. созмони ғайритиҷоратӣ, ғайридинӣ ва аз ҷиҳати сиёсӣ мустақил аст. Он аз ҷониби Шӯрои нозирони фахрӣ таҳти сарпарастии Президенти Федералии ҶФГ идора мешавад. А. Г. фаъолияти худро аз ҳисоби маблағҳои шахсони алоҳида, ширкатҳои хусусӣ ва грантҳои давлатӣ ба роҳ мондааст. Дар Тоҷикистон 18 окт. 1994 ба фаъолият шурӯъ намудааст. Беш аз 90 лоиҳаи оид ба рушд ва кӯмакро – дар ҳаҷми 90 млн евро дар кори барқарорсозии бахши кишоварзӣ, таъмини амнияти хӯрокворӣ, омодагӣ барои пешгирии офатҳои табиӣ, роҳандозиву ташкили сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ – дар ноҳияҳо ва деҳоти Тоҷикистон амалӣ кардааст. А. Г. дар ҳолатҳои фавқулода ба мардум маводи ғизоӣ, сару либос, кӯрпа, оби тозаи ошомиданӣ ва ғ. кӯмак кард. Кӯмаки охир ба мардуми осебдида аз офати табиӣ дар водии Рашт (майи 2009) ва ноҳ. Кӯлоб (майи 2010) расонда шудааст. *Ҳ. Садиров.*

АГРОБИ́ЗНЕС (аз *агро* ва *бизнес*), яке аз тарзҳои иқтисоди бозоргонӣ. А. ба истеҳсолоти кишоварзӣ, нигаҳдорӣ, фурӯш ва коркарди маҳсулоти он вобаста аст. Аз нигоҳи сохтор ҳаммаънои комплекси агросаноатӣ

мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бинобар ҳамбастагии амалиётҳои иқтисодӣ ва табиию иқлимӣ душвориҳои зиёд дорад. Аз ин лиҳоз муомилоти пулӣ низ нисбатан суст буда, он асосан хусусияти мавсимиро касб кардааст. Дар соҳаи кишоварзӣ воситаи асосии истеҳсолот замин, зироат ва ҳайвонот мебошад. Ривоҷи соҳа ба омилҳои иқлимию табиӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

АГРОБИОЛО́ГИЯ (аз *агро…* ва *биология*), як соҳаи биология, ки бевосита ба растанипарварӣ ва чорводорӣ муносибат дорад. Зери мафҳуми А. дар амалияи кишоварзӣ истифода кардани қонуниятҳои асосии биологӣ дар назар дошта мешавад. Солҳои 40 – 50 а. 20 Т. Д. Лисенко ва пайравони ӯ барои бо истилоҳи «А.» пурра иваз кардани мафҳуми «биология» кӯшиш карданд. Ин ақидаи онҳо беасос буд ва амалӣ нагашт. Солҳои охир истилоҳи «А.» кам истифода мешавад ва ҷойи онро мафҳуми биологияи кишоварзӣ гирифтааст.

АГРОБИОСЕНО́З (аз *агро…,* юн. bios – ҳаёт ва koinos – умумӣ), ҷамоаи мавҷудоти киштзор ва боғот; яке аз шаклҳои маъмули *биосенозҳои* дуюмин. Ҳар навъ зироат А.-и хоси дорои як силсила навъҳои доимию бартаридошта бунёд мекунад. Аз сабаби суст будани равандҳои худтанзимкунӣ А. дер вуҷуд дошта наметавонад (ниг. *Агрофитосенозҳо*); устуворияи муваққатии онро одам назорат мекунад. Хосияти дигари муҳими А. каме бартарӣ доштани ҷонварони алафхор, хусусан зараррасонҳо (мас., ҳашарот) мебошад. Асоси А.-ро растаниҳои мазрӯъ ташкил медиҳанд. Онҳо якҷоя бо алафҳои бегона намудҳои ҳайвонҳои маскунро муайян месозанд.

АГРОГИДРОЛО́ГИЯ (аз *агро...* ва hydos – об ва logos – илм), як фасли агрометеорология. Хосиятҳои физикавӣ ва оби заминро меомӯзад. Бузургии агрогидрологиро аз рӯи дараҷаи ҳаракат ва ба решаи растанӣ дастрас будани оби хок муайян мекунанд. Ин имкон медиҳад аз миқдори умумии намии хок ҳамон қисме ҷудо карда шавад, ки барои рӯёндани ҳосили баланди зироат лозим аст. Корҳои сахроиро барои муайян кардани хосияти агрогидрологии хок дар заминҳои кишти пахта ва диг. зироат баҳорон, ҳангоми нарм ва намнок будани хок мегузаронанд. Бо ин мақсад дар замин чуқурчаҳо кофта, барои санҷиш хок мегиранд ва онро дар лабораторияҳои агрогидрологӣ таҳқиқ менамоянд. Дар асоси натиҷаҳои санҷиш усулҳои агротехникии парвариши зироат, низоми обёрӣ ва меъёру мӯҳлати он аниқ карда мешаванд.

«АГРОИНВЕСТБО́НК», ҷамъияти саҳҳомии кушода. Бонки ғайридавлатии саҳҳомии универсалӣ. Муассисони «А.» шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – резидентҳои ҶТ ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ – Бонки Европоии Тараққиёт (БТТ) мебошанд. «А.» тамоми навъҳои хизматрасонии анъанавии бонкӣ, аз қабили қабули депозитҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, кушодан ва бурдани ҳисобҳои ҷорию мизоҷон, ҳисобҳои муросилотии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, амалиёти хазинавӣ, қарздиҳӣ, лизингӣ, интиқоли пул, ҳисобкунии дисконтӣ (векселҳо), клирингӣ, ломбардӣ, мубодилаи асъор, пардохт ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, кушодан ва тасдиқи аккредитивҳо, нақлу таҳвил (инкассатсия), амалиёти кафолатӣ, баровардани коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо, векселҳо ва сертификатҳои депозитӣ), нашри кортҳои пластикӣ ва хизматрасонӣ ба онҳо ва ғ.-ро анҷом медиҳад. «А.» яке аз бонкҳои калонтарини ҷумҳурӣ буда, дорои 4 шӯъбаи минтақавӣ (Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ), 57 шӯъбаи шаҳрию ноҳиявӣ, 28 шӯъбаи амалиётии дурдаст, 50 нуқтаи интиқоли маблағ, 112 нуқтаи мубодилаи асъор, 58 автомати банкомат, 77 нуқтаи пардохти пули нақд (POS-терминал) ва 2 ширкати фаръии мустақил: Ширкати сармоягузории лизингии «Лизингфайнэнс» (бо 100% сармоя) ва Ташкилоти хурди депозитии «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» (бо 57% сармоя) мебошад. Дороиҳои «А.» (2010): 1857,4 млн сомонӣ, сармояи умумӣ 253,1 млн сомонӣ (аз ҷумла сармояи оинномавӣ 185 млн сомонӣ), қарзҳои пешниҳодшуда 1528,5 млн сомонӣ; бақияи ҳамаи навъҳои депозитҳои ҷалбшуда 912,6 млн сомонӣ, маблағҳои интиқолии пардохтшуда 786,5 млн сомонӣ, миқдори умумии дорандагони кортҳои пластикии бонк 38358 нафар, шумораи умумии кормандон 2139 нафар.

Дар рафти ислоҳоти низоми бонкии шӯравӣ (1987) дар заминаи Бонки давлатии СССР Бонки давлатии махсусгардонидашудаи Агропромбонки СССР таъсис ёфт. Дар Тоҷикистон (2. 12. 1987) Раёсати тоҷикистонии Агропромбонки СССР бо шабакаҳои зертобеъ ташкил шуд. Соли 1992 Бонки ҷумҳуриявии саҳҳомии тиҷоратии агросаноатии дар ин асос ташкилёфта ба Бонки саҳҳомию тиҷоратии агросаноатии «Шарқ» (БСТАС «Шарқ»), с. 1997 он ба Бонки саҳҳомию тиҷоратии агросаноатию инвеститсионии «А.» (БСТАИ «А.») ва с. 2002 ба Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «А». табдил ёфт. Аз ҳайати «А.» с. 2004 яке аз қисмҳои таркибии он, ки аз ҳисоби инвеститсияҳои хориҷӣ ба қарздиҳии пешазсодиротии хоҷагиҳои пахтакор машғул буд, ҷудо шуда Ташкилоти ғайрибонкии молиявии ҶСП «Кредит-Инвест»-ро ташкил дод. «А.» с. 2008 ба тарзи идоракунии корпоративӣ гузашта, бо 15 низоми байналхалқии интиқоли маблағҳо: «CONTACT», «Быстрая почта», «Близко», «INTER EXPRESS», «UNISTREAM», «Анелик», «Migom», «WESTERN UNION», «Privat Money», «Золотая Корона», «AVERS», «ЛИДЕР», «АЛЛЮР», «Money Gram» ва «Живые деньги» ҳамкорӣ мекунад. Байни «А.» ва БАТТ с. 2009 созишнома оид ба ворид шудани БАТТ ба сармояи «А.» ба имзо расид. БАТТ ба маблағи 11,5 млн доллари ШМА (бо шарти 25% + 1) саҳмияи бонкро харидорӣ намуд. «А.» бо тамоми ташкилотҳои молиявӣ-қарзии ҶТ ҳамкорӣ ва бо 23 бонки хориҷӣ: Commerzbank AG (Германия), ABN AMRO (Нидерландия), Bank of China (Хитой), Kabul-Bank (Афғонистон), CITIBANK (ШМА), «Сбербанк России», «Русславбанк» ва Банк БТБ (Россия), «Казкоммерцбанк» ва «Банк Туран Алем» (Қазоқистон) ва ғ. муносибатҳои муросилотӣ дорад. «А.» иштирокчии Иттифоқи умумиҷаҳонии алоқаи байнибонкии молиявӣ (шабакаи СВИФТ), иштирокдори Низомҳои пардохтии байналхалқии «VISA INTERNATIONAL», «MASTERCARD WORLD WIDE» мебошад. «А.» дар Тоҷикистон аввалин шуда корти пластикиро бо номи «корти аввалини дохилӣ» (КАД) баровард. «А.» бо ҷоизаҳои байналхалқии «International Star for Quality» (Женева, 2002), «The Arch of Europe» (Франкфурт, 2003), бо унвонҳои «Бонки фаъолтарин» (Лондон, 2005, 2009) ва «Бонк-эмитент»-и фаъолтарин (барномаи БАТТ, Лондон, 2006, 2007), бо Дипломи Фахрии «Ситораи Тиллои Иттиҳод» (Москва, 2008), бо ҷоизаи байналхалқии «Юзи Тиллоӣ» («Золотой Ягуар») сарфароз гаштааст. *И. Саидов.*

АГРОКЛИМАТОЛО́ГИЯ (аз *агро…,* юн. klima – иқлим ва logos – илм), як соҳаи илм. А. иқлимро ҳамчун омили истеҳсолоти кишоварзӣ меомӯзад. Ҳосилхезии хок, захираи

об ва олами наботот ба иқлим вобастагии ногусастанӣ доранд. Дар ҷумҳурӣ тадқиқи агроклиматологии зироат (аз ҷумла пахта) ох. с-ҳои 20 а. 20 сар шуд. Дар ибтидо асосан таъсири номусоиди обу ҳаво (сармо, хушксолӣ, гармсел ва ғ.) ба зироат мавзӯи пажӯҳиш қарор гирифта буд. Феълан А. роҷеъ ба ноҳияҳои агроиқлимӣ (бо мақсади беҳтар ҷо додани зироат, ҳайвоноти хонагӣ ва ғ.), корбасти усулҳои алоҳида ва маҷмӯи тадбирҳои агротехникӣ, ба шароити иқлим мувофиқ гардондани кори мошинҳои кишоварзӣ, дарёфти тадбирҳои муборизa бо шароити номусоиди иқлим, ҳашароти зараррасон ва касалиҳои зироат, омӯзиши иқлим ва микроиқлим (бо мақсади барои истеҳсолоти кишоварзӣ мусоид намудани онҳо) пажӯҳиш анҷом медиҳад. Хоса пажӯҳишҳое, ки ба омилҳои асосии иқлим вобаста будани рушду инкишоф ва ҳосилнокии зироатро муқаррар мекунанд, аҳамияти калони амалӣ доранд. Ифодаи миқдории ин вобастагиро нишондиҳандаи агроиқлимӣ (мас., маҷмӯи ҳарорат, ки дар давраи нашв талаботи ба гармӣ доштаи растаниро тавсиф мекунад; миқдори намие, ки барои рӯёндани ҳосили муайян лозим аст ва ғ.) меноманд. Барои ноҳияҳои пахтакор роҳҳои баҳисобгирии бо гармӣ, боришот ва захираи намии хок таъмин шудани пахта (баробари ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои географии ноҳияҳои алоҳида), давомоти давраи бесармо, сармоҳои тақоршаванда, гармсел ва ғ. дарёфт шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки кишти пахта ва диг. зироат мувофиқи хусусиятҳои навъӣ дуруст ҷо ба ҷо гузошта шавад. Дар асоси тадқиқоти дар ноҳияҳову вилоятҳо гузаронида маълумотномаҳо тартиб медиҳанд. Ҳудуди ҷумҳурӣ ба 11 ноҳияи агроиқлимӣ тақсим шудааст: Дилварзин (ноҳ. Мастчоҳ), Туркистони Шимолӣ (ноҳ-ҳои Спитамен, Ҷаббор Расулов, Зафаробод, Истаравшан, Ғончӣ, Хуҷанд), Қурама (ноҳ. Ашт), Исфара (ноҳ. Исфара ва Конибодом), Зарафшон (ноҳ. Панҷакент ва Айнӣ), Ҳисор (ш.-ҳои Душанбе, Ваҳдат, ноҳ. Рӯдакӣ, Ҳисор, Турсунзода, Файзобод), Вахш (ноҳ. Шаҳритуз, Қумсангир, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ховалинг, Ёвон, Панҷ), Қизилсу (ноҳ. Фарҳор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Кӯлоб, Темурмалик, Восеъ, Данғара, Бохтар, Хуросон, Ҷилликӯл, Қабодиён, Мӯъминобод), Қаротегину Дарвоз (Обигарм, ноҳ. Нуробод, Рашт, Ҷиргатол), Помири Ғарбӣ (ноҳ. Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Хоруғ, Ишкошим, Шуғнон) ва Помири Шарқӣ (ноҳ. Мурғоб, Қарокӯл). Натиҷаи пажӯҳишҳои агроклиматологӣ барои рӯёндани ҳосили фаровони зироат, маҳсулоти чорво, пешгирии зиёни гармсел, сел, сармозанӣ, хушксолӣ ва жолазанӣ кӯмак мерасонад. Раёсат ва пойгоҳҳои обуҳавосанҷии ҷумҳурӣ аз вазъияти обу ҳавои маҳалҳо рӯзе 3 маротиба хабар дода, харитаи ҳарҳафтаинаи онро таҳия месозанд.

Ҳ. Маҳмудов.

АГРОМЕЛИОРА́ТСИЯ (аз *агро...* ва лот. melioratio – беҳтар кардан), маҷмӯи усулҳои агротехникист, ки баҳри беҳтар гардондани хусусиятҳои табиии хок ва баланд бардоштани ҳосили зироат равона шудааст. А. роҳҳои беҳтар гардондани хосиятҳои намкашӣ ва намнигоҳдории хок, шудгори чуқур, обшӯй кардани замин, кишти зироати ба шӯрӣ тобовар ва ғ.-ро дар бар мегирад. Ниг. низ *Мелиоратсия.*

АГРОМЕТЕОРОЛО́ГИЯ (аз *агро…,* юн. meteora – ҳодисоти фазо ва logos – илм), метеорологияи кишоварзӣ, як соҳаи илм. А. таъсири мутақобили шароитҳои метеорологӣ, иқлимӣ, гидрологӣ ва объекту равандҳои истеҳсолоти кишоварзиро меомӯзад. А. чун илм нимаи дуюми а. 19 ба вуҷуд омада, бо биология, хокшиносӣ, растанипарварӣ, география ва ғ. робитаи мустаҳкам дорад. А. агроклиматология, фенологияи кишоварзӣ ва агрометеорологияи пешгӯисозиро дар бар мегирад. Барои пажӯҳишҳои агрометеорологӣ асбобҳои махсус истифода мешаванд. Усули асосии тадқиқоти А. мушоҳидаи мувозӣ ва санҷиши биометрист. Дар мавриди истифодаи усулҳои мазкур ҳолат, инкишоф, сабзиш, ҳосили зироат ва омилҳои метеорологиро ба қайд мегиранд. Мушоҳидоти агрометеорологӣ, одатан, дар саҳро ва майдончаҳои метеорологӣ гузаронда мешаванд. Бо мақсади тадқиқоти агрометеорологӣ камераҳои иқлимашон сунъиро ҳам истифода мебаранд. Дар чунин камераҳо рӯшноӣ, гармӣ ва намии мувофиқ фароҳам оварда мешавад.

АГРОНО́М, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҷилликӯли ноҳ. Ҷилликӯл. Аз А. то маркази ноҳия – деҳаи Ҷилликӯл 3 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1219 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази саломатӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: зироаткорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АГРОНО́М, деҳа дар ҷамоати деҳоти Иттифоқи ноҳ. Абдураҳмони Ҷомӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Куйбишев 3 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 907 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, фабрикаи мурғпарварӣ, 3 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Аскари Шоҳ обёрӣ мешаванд.

«АГРОНО́МИ ХИЗМАТНИШОНДОДА́И РСС ТОҶИКИСТО́Н», унвони фахрӣ. 15 янв. 1951 таъсис ёфтааст. Ба мутахассисони соҳаҳои кишоварзӣ (пахтакорӣ, зироаткорӣ, кирмакдорӣ ва ғ.), идораҳои кишоварзӣ, муассисаҳои тадқиқоти илмӣ ва хоҷагии об, ки камаш 15 сол кор кардаанд, барои хизматҳои барҷаста дода мешуд. Ашхоси зерин ба гирифтани ин унвон ноил гардидаанд:

1952: Билбасова Нина, Иброҳимов Ихтиёр, Муродов Қурбон, Очкилас Дмитрий, Петров Вячеслав, Пономаренко Александр, Рекутин Виктор, Фирсов Борис.

1953: Троитский Александр.

1957: Алёхин Алексей, Алиев Аюб, Алимов Фотеҳ, Ачкинадзе Ефраим, Бойматов Шариф, Башнин Иван, Белкин Иван, Василченко Иван, Гладенко Павел, Ҷалилов Маъруф, Черех Сергей, Додомирзоев Бобо, Елисеев Николай, Земан Георгий, Зоркин Федор, Исҳоқов Муҳаммад, Калминова Зинаида, Караев Иван, Қобилов Мирзотош, Коган Иосиф, Қосимов Раҳбар, Красичков Вячеслав, Крейдик Борис, Қурбонов Қудрат, Мамадҷонов Набӣ, Мачидов Салом, Мамонтов Порфирий, Мирзоянс Хайко, Михайличенко Иван, Назаров Шарифбобо, Невзоров Валериан, Олхов Михаил, Оратовский Матвей, Паришкура Николай, Раҳимов Малик, Раҳмонов Машраб, Редкин Владимир, Шамутов Шамил, Соренков Иван, Ставинкин Василий, Телесник Борис, Тошбеков Ҳусейн, Тошпӯлодов Турсун, Тишенко Иван, Тюраев Алексей, Улфатов Шариф, Усмонов Абдулҳамид, Ҳомидов Бобоҷон, Шишкин Евгений, Сулая Владимир.

1960: Аҳмадов Набиҷон, Бассевич Александр, Каплин Порфирий, Саврутский Борис, Шоҳвалиев Ҳаниф.

1961: Назаров Рофеъ, Озеров Михаил.

1963: Бойко Григорий.

1964: Акмолов Қодир, Алиев Ҳом-

мид, Алимардонов Шоҳимардон, Аъзамов Аминҷон, Аҳмадов Мақсудҷон, Воронин Юрий, Дастамбуев Шамбе, Зунунов Чӯянбой, Кабанов Расланбек, Каримов Давлат, Кириллов Иван, Кононенко Алексей, Муллоев Абдуғаффор, Муҳиддинов Ҷамол, Набиев Дадоҷон, Некушоев Акбаршо, Пӯлодов Маҳмуд, Саидов Қосим, Сатторов Ҳомид, Стотская Анастасия, Толибов Зокир, Тошматов Абдураззоқ, Турсунов Абдухолиқ, Ҳомидов Инъомҷон, Хитренсев Иван, Шамсиддинов Бадриддин, Юлдошев Рӯзибой, Ҷӯраев Саъдулло.

1966: Абдуллоев Қодир, Бобоев Аловуддин, Иванушко Иван, Мирзоев Отаҷон, Мироқилов Мирсобит, Музикина Мария, Роҳибов Толиб, Сангинов Бобо, Усмонов Ғанӣ.

1967: Алибоева Саодат, Невзорова Вера.

1969: Власов Николай, Латифов Маҳмуд, Машкин Григорий, Муинов Муҳаммадҷон, Улуғов Қурбон, Қосимов Ҷамол, Ҳасанов Боҳир, Черих Дмитрий, Ҷӯраев Маҳкам.

1971: Григорев Константин.

1973: Веселовский Александр, Казакова Анастасия, Қорёгдиев Мавлон.

1974: Абдуллоев Зафар, Абдуллоев Нарзулло, Аҳмадов Борис, Баротов Эркин, Бақоев Отахон, Бессилин Николай, Бобоев Урмон, Бобоҷонов Эгамбердӣ, Ботуров Авлиёқул, Гугушвили Раули, Исмоилов Аҳмадҷон, Каримов Рамазон, Ким Пётр, Краснослабодская Тамара, Маҳмудов Ботуралӣ, Мутиев Амон, Муҳиддинов Нуриддин, Насриддинов Боқиҷон, Халилов Абдукарим, Эргашев Чинибой, Эшонов Ислом, Қосимов Шариф, Ҳасанов Мирзоюнус, Ҷумонқулов Ҳайдар, Ҳаитов Абдулло.

1975: Акмолов Пӯлод, Мишунина Вера, Рашидбеков Авазбек, Федотов Иван.

1976: Алиев Чӯпон, Биков Антон, Воҳидов Каврак, Зокиров Нодир, Калник Иван, Каримов Абдумаҷид, Қудратов Ӯтамурод, Муҳиддинов Мунаввар, Орлов Николай, Святенко Николай, Чакаев Қурбонхол, Ғуломов Шамс, Шокиров Ҳаким, Юлдошев Раҷаб.

1977: Алиев Иршод, Қӯзиев Мӯъмин, Мирзоев Амир, Расулов Бобораҷаб, Садриддинов Анвар, Охунҷонов Рауф, Холматов Нурмамад.

1978: Блинов Иван, Зюзин Николай, Умаров Илҳом.

1979: Лошкарёва Александра.

1980: Козлова Зоя, Муҳаммадов Ҷалолиддин.

Унвон с. 1981 барҳам дода шуд.

АГРОНО́МИЯ (аз *агро…* ва юн. nomos – қонун), маҷмӯи илмҳост оид ба парвариши зироат. А. ҳамаи илмҳои агрономиро оид ба рӯёндани зироат (мас., агрохимия, агрофизика, растанипарварӣ, селексия, тухмишиносӣ, фитопатология, энтомологияи кишоварзӣ, мелиоратсия ва ғ.), истифодаи оқилонаи киштзор, баланд бардоштани дараҷаи ҳосилхезии замин ва ҳосили зироат дар бар мегирад. А. бо биологияи умумӣ, физиологияи растанӣ, хокшиносӣ, метеорологияи кишоварзӣ, генетика, микробиология ва диг. илмҳои табиатшиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад. А. дар ҷараёни фаъолияти амалии инсон ба вуҷуд омада, баробари инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият, тағйири муносибатҳои иқтисодию ичтимоӣ ва равнақи фанҳои табиатшиносӣ пеш рафт. Инсон ҳазорҳо сол пеш аз мелод ҳам ба парвариши зироат машғул буд. Қоидаҳо ва дастурамалҳои агрономӣ дар Мисри Қадим, Юнони Қадим маълум буданд. Оид ба зироат ва чорводорӣ дар маъхазҳои қадима маълумот дода шудаанд. Мас., дар қадимтарин асари адабиёти форсҷочик Авесто (а-ҳои 10 – 6 то м.) оид ба заминдорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, обёрии заминҳои лалмӣ, хушкониданн шибарзамин, чорводорӣ, кишти зироати хӯроки чорво ва ғ. сухан меравад. Дар Тоҷикистон, ки зироат асосан обӣ аст, А. вобаста ба шароити маҳал инкишоф меёбад. Олимони тоҷик (А. Н. *Махсумов,* В. П. *Красичков,* Х. *Юсуфбеков,* В. И. *Литвинов,* Ҷ. Қ. *Қосимов,* Б. С. *Сангинов,* Ҳ. *Ҷумонқулов,* У. *Эшонқулов* ва диг.) вобаста ба иқлими ҷумҳурӣ самаранок истифода намудани заминҳои лалмӣ ва обиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, оид ба киштгардон, шудгор, нуриандозӣ, обёрӣ, парвариши зироат, рушди алафҳои чарогоҳ, рӯёнидани навъҳои серҳосили пахтаи маҳиннах, фаровон гардондани ҳосили пахта, сабзавот, лиму, ангур ва ғ. тадқиқоти зиёд анҷом доданд. Ин-тҳои тадқиқоти илмии зироат ва хокшиносӣ, Ин-ти тадқиқоти илмии боғу токдорӣ ва сабзаваткорӣ, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар пешрафти А. саҳми назаррас доранд.

АГРОСЕНО́З, ниг. *Агрофитосеноз.*

АГРОТЕ́ХНИКА (аз *агро...* ва юн. techne – санъат), технологияи деҳқонӣ, маҷмӯи тадбиру усулҳои парвариши зироат ва рӯёндани ҳосили баланд. Вазифаи А. асосан аз киштгардон, шудгори замин, нуриандозӣ, барои кишт омода намудани тухмӣ, кишт, нигоҳубини растаниҳо, нест кардани алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон ва касалиҳо, ҳосилғундорӣ, яхобмонӣ, обёрӣ ва ғ. иборат мебошад. Таҷдиди кишоварзӣ, ташкил кардани хоҷагиҳо, пешрафти саноатҳои вазнин ва химия барои дар соҳаҳои кишоварзӣ истифода намудани мошину таҷҳизоти ҳозиразамон, барқ, нуриҳои минералӣ, моддаҳои химиявӣ (барои аз бемориҳо ва ҳашароти зараррасон ҳифз намудани растанӣ) ва усулҳои нисбатан мукаммали А. мусоидат намуданд. Дар соҳаи боғу токдорӣ вазифаи асосии А. парвариши ниҳолҳои дарозумру серҳосил бо харҷи ками меҳнат мебошад. Иҷрои ин вазифа ба омӯзиши амиқи биологияи дарахтони мева, шароити табиӣ ва техникию иқтисодии парвариши онҳо, истифодаи комёбиҳои навтарини илм, механизатсияи амалиёти технологӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами истеҳсолот ва ғ. вобаста аст. А. корҳои ниҳолшинонӣ ва нигоҳубини онҳоро дар бар мегирад, мас., интихоб ва тайёр кардани замин; ниҳолшинонӣ; коркарди замин, нуриандозӣ, обёрӣ ва нигоҳубини ниҳолҳо; омӯхтани таъсироти шароити номусоиди муҳит, касалӣ ва ҳашароти зараррасон ба ниҳолҳо; парвариш ва тайёр кардани ниҳолу қаламча. Асоси назарявии А.-ро қонуни баробарқиматӣ ва бебадалии омилҳои асосии ҳаёти растанӣ (рӯшноӣ, гармӣ, намӣ, ғизо, шароити хок, релефи замин, ҳаво ва ғ.) ва зарурати таъсироти баробар ва муштараки онҳо бо роҳи истифодаи усулҳои ҷудогонаи агротехникӣ ташкил медиҳад. А. аз рӯи лоиҳаи бунёди боғу токзор таҳия мешавад. Онро дар асоси маҷмӯи корҳои илмии тадқиқотӣ бо дарназардошти навъ ва таъйиноти истеҳсолии ниҳолҳо, истифодаи маҳсулот, шароити табиию иқлим тартиб медиҳанд. Дар ҳолатҳои ҷудогона шароити маҳал, хусусиятҳои навъ ва истифодаи маҳсулот низ ба назар гирифта хоҳанд шуд. Барои тайёр кардани замини боғот чунин тадбирҳо гузаронда мешаванд: решакан кардани дарахту буттаҳои бегона, тахту ҳамвор намудани майдон, андохтани нуриҳои органикӣ ва минералӣ, шудгори чуқур, маҳви ҳашароти зараррасони ҳудуди боғу токзор, андешидани тадбирҳои зидди эрозия, бунёд кардани дарахтзори муҳофиз, ба қисмҳо

ҷудо кардани замин, нишона кардани ҷойи ниҳол, сохтани роҳ, шабакаи обёрӣ, заҳбурҳо ва ғ. Бо роҳи интихоби тарзи ниҳолшинонӣ, намудҳои хавоза, буридани навдаҳо, нӯгток, хомток, андохтани нуриҳои минералию органикӣ, обёрӣ ва ғ. нашъунамою ҳосилнокии дарахтони боғу токзорро танзим намудан мумкин аст. Боғу токзор ба туфайли истифодаи усулҳои агротехникӣ, ки нумӯи растаниро беҳтар менамоянд, инчунин андешидани тадбирҳои махсус (хокпӯш кардани буттаҳо, нарм кардани бехи ниҳол, дуддиҳӣ, яхобмонӣ ва ғ.), ҷорӣ намудани усулҳои химиявӣ ва биологии мубориза бар зидди касалию зараррасонҳо аз таъсироти номусоиди омилҳои муҳит, беморӣ ва зараррасонҳо ҳифз карда мешавад. Дар робита ба васеъ шудани масоҳ. боғу токзорҳо аҳамияти хоҷагиҳои ниҳолпарвар (барои кӯчат) меафзояд. Хоҷагиҳои ниҳолпарвар қисми асосии соҳаи боғдорӣ буда, истеҳсолоти мураккаб доранд (аз ниҳолхонаҳо, гармхонаҳо ва ғ. иборат мебошанд) ва А.-и махсусро талаб мекунанд. Дараҷаи А. аз рӯи дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи истеҳсолот усулҳои ҷудогонаи А. тағйиру такмил меёбад.

Ад.: Гулов С. М., Мевапарварӣ, Д., 2007; ҳамон муал., Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон, Д., 2008; Ӯрунов Ф., Ниҳолпарварӣ, Д., 2008; Гулов. С. М. (ва диг.), Бунёди боғ ва нигоҳубини он дар Тоҷикистон, Д., 2010.

С. Гулов, Ф. Ӯрунов.

АГРОФИ́ЗИКА, физикаи агрономӣ, як соҳаи илм. А. равандҳои физикавии хок, растанӣ ва роҳу васоити танзими ҳарор. хок, рӯшноӣ ва ғ.-ро меомӯзад. Аз 4 фасл иборат аст: физикаи хок, физикаи ҳаво, биофизикаи растанӣ ва роҳҳои танзими шароити муҳити растанӣ. А. ибт. а. 20 ташаккул ёфтааст. Ривоҷу равнақи он ба комёбиҳои табиатшиносӣ, хусусан физика ва биофизика, математика, кибернетика, электроника, физикаи нимноқилҳо, полимерҳо ва пластмасса вобастагӣ дорад. А. илмҳои кишоварзиро бо усулҳои наву мукаммали пажӯҳиш таъмин месозад. Ҳангоми пажӯҳишҳои агрофизикӣ аз асбобҳои дақиқ (термометр, намисанҷ, асбобҳо барои чен кардани мувозанати ҳарорат, суръати об, моддаҳои ғизоӣ ва ғ.) истифода мебаранд. Натиҷаи тадқиқоти агрофизикӣ барои дарёфти усулҳои нави агрономӣ ва такмили усулҳои пештараи нигаҳдории намии хок ва беҳтар сохтани низоми ҳарор. он, муайян намудани усулҳои беҳтари кишт, шудгори замин ва ғ. истифода мешавад. Дар гармхонаю парвардахонаҳо парвариш кардани сабзавот, ки дар асоси тадқиқоти агрофизикӣ ба роҳ монда шудааст, мӯҳлати нашвро кам ва ҳосилро зиёд мегардонад. Барои сабзаворкорӣ истифода намудани плёнкаҳои полимерӣ, танзими автоматии парвариши сабзавот (дар гармхонаҳо), дар анборҳои маҳсулоти кишоварзӣ нигоҳ доштани шароити доимии мувофиқ аҳамияти калон доранд. Оид ба масъалаҳои А. дар Ин-ти хокшиносии АИКТ ва Ин-ти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АИ ҶТ тадқиқот мебаранд.

АГРОФИТОСЕНОЗҲО́ (аз *агро…*, юн. phyton – растанӣ ва kainos – умумӣ), агросенозҳо, ҷамоаи набототе, ки инсон бо роҳи сунъӣ ба вуҷуд овардааст. А. вобаста ба нашъунамо ва намуди растаниҳо, таъсири мутақобила, майдони ғизо ва ғ. гуногун мешаванд: А.-и азхудшуда – ҷамоаи табиии набототе, ки дар натиҷаи истифода бурдан тағйир ёфтааст (мас., беша ва марғзоре, ки мунтазам истифода мешаванд); А.-и рогӣ – ҷамоаи сунъии набототе, ки нашъунамои онҳоро мунтазам танзиму назорат намекунанд (мас., ниҳолзор ва марғзорҳои бисёрсолаи кишта); А.-и боғӣ – ҷамоаи сунъии набототе, ки нашъунамои онҳоро инсон мунтазам танзиму назорат менамояд (мас., боғот, ниҳолзорҳо, киштзорҳо); А.-и хонагӣ (дастпарвар) – ҷамоаи набототе, ки барои нашъунамои онҳо на фақат хок, балки обу ҳаво ҳам муҳайё ва танзим карда мешаванд (мас., зироати гармхонаҳо, *аэропоника, гидропоника* ва ғ.).

АГРОФО́Н (аз *агро…* ва лот. fundus – муҳит), маҷмӯи хусусиятҳои агрономии хок. Донистани А. имконият медиҳад, ки барои ба даст овардани ҳосили фаровон тадбирҳои агротехникӣ ва мелиоративӣ дуруст ба роҳ монда шаванд. Дар сурати ташкили дурусти киштгардон, истифодаи нуриҳои минералию органикӣ ва риоя кардани технологияи парвариши зироат ба А.-и беҳтарин муваффақ шудан мумкин аст.

АГРОХИ́МИЯ (аз *агро…* ва *химия*) химияи агрономӣ, як соҳаи илм. А. равандҳои химиявии хоку набототе, ғизои минералии растанӣ, истифодаи нурӣ ва воситаҳои химиявии мелиоратсияи хокро меомӯзад. А. бо хокшиносӣ, зироат, метеорология, физиология ва биохимияи растанӣ, микробиологияи кишоварзӣ, физика ва химия робитаи зич дорад. Омӯзиши ғизогирии растанӣ, таъсири тарафайни нурӣ ва хок, тарзи нуриандозӣ, мелиоратсияи хок (оҳаку гаҷандозӣ) ва тадқиқу истифодаи заҳрҳои химиявӣ фаслҳои А. мебошанд. А. дар натиҷаи афзоиши талаботи аҳолӣ ба зироат ташаккулу инкишоф ёфт. Китоби аввалин оид ба асосҳои химияи зироат с. 1761 аз ҷониби олими швед И. Валериус навишта шудааст. Омӯзиши назариявӣ ва амалии ғизогирии растанӣ, баланд бардоштани коэффитсиенти истифодаи нурӣ, дарёфти усулҳое, ки барои моддаҳои ғизоии хокро беҳтар истифода бурдани растанӣ кӯмак мерасонанд, истеҳсоли нуриҳои босамар ва ғ. аз ҷумлаи масоили кунунии А. мебошанд. Ҳангоми тадқиқоти А. аз усулҳои химиявӣ ва биологӣ истифода мебаранд. Натиҷаҳои илмии А. барои ҳосилхез гардондани хок ва афзудани ҳосил мусоидат менамоянд.

Дар ҷумҳурӣ 4 лабораторияи минтақавии агрохимиявӣ мавҷуд аст. Онҳо дар масъалаҳои оқилона истифода бурдани нуриҳои минералию органикӣ ва тартиб додани картограммаи ҳосилхезии хок ба хоҷагиҳо ёрӣ мерасонанд. Оид ба А. дар Ин-ти тадқиқоти илмии зироат, Ин-ти хокшиносӣ, Кафедраи агрохимияи ДАТ тадқиқот мебаранд.

АҒБА́, ҷойи аз ҳама пасти теғаи қаторкӯҳҳо, ки ҳамчун гузаргоҳи мувофиқтари байни водиҳои ду тарафи кӯҳ хизмат мекунад. Баландии А. ба баландии қ-кӯҳҳо вобаста аст: дар Урал то 400 м, Алп то 1300 – 2800 м, Кавказ то 2400 – 3000 м, Осиёи Миёна то 4000 – 4500 м ва Ҳимолой то 5500 м. Дар Тоҷикистон А.-и Шаҳристон 3351 м, А.-и Анзоб 3372 м баландӣ доранд.

АҒРИРА́С, яке аз шахсиятҳо дар осори адабиёти пешазисломии мардуми эронинажод ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, бародари *Афросиёб*. Дар Авесто ба шакли Аграераса омадааст (маъниаш: «касе, ки гардунааш пеш меравад»). Аз зумраи ашхоси некқирдор, дорои сифати «нарава», яъне «нар», «мард», «далер» аст. Дар осори адабиёти паҳлавӣ («Бундаҳиш», фасли 31, банди 15) аз корҳои неки А. бештар сухан рафтааст. Вай асирони эроншро аз дасти шоҳи Турон Афросиёб озод мекунад ва аз куштан эмин медорад. Дар фасли 29 «Бундаҳиш» А. бо номи «Гопатшоҳ» ёд шудааст, вале дар фасли 31 омадааст, ки Аҳура Маздо бар ивази корҳои некаш ба ӯ писаре дод мавсум ба Гопатшоҳ. Дос-

тони А. дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ муфассалтар омадааст. Ӯ мардест хирадманд, ботадбир, ҳушманд, номдор, некхоҳ, некдил, некпай. Ҳангоми бори нахуст ба Эрон ҳучум кардан бародараш Афросиёбро аз куштору хунрезӣ боздоштанӣ шуд, вале Афросиёб ба суханони ӯ гӯш надод. Вақте Афросиёб асирони эрониро ба қатл расондан хост, А. аз бародараш хоҳиш намуд, ки ин корро накунад ва асиронро барои дар зиндон нигоҳ доштан ба ӯ супорад. А. асирони эрониро озод кард ва барои ин кори некаш ба дасти Афросиёб кушта шуд.

Ад.: Абулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ч. 1, Д., 2007. *Г. Саъдиева.*

АДА́Б (ар. ҷамъаш одоб, хулқи нек, дониш, ҳунар), дар илми ахлоқ таҳсини рафтор ва мувофиқати қавлу феъли инсон аст. Дар луғату фарҳангҳо ба маънои хушахлоқӣ, поктинатӣ, касби донишу ҳунар омадааст. А.-ро дар гузашта маъмулан аз 12 қисм (ҳашт усул ва чаҳор фурӯъ) иборат медонистанд: усулҳои луғат, сарф, иштиқоқ (калимасозӣ), наҳв, маонӣ, баён, арӯз, қофия ва фурӯъҳои расму хат, нақдушшеър , иншои хату расоил ва мазоҳарат. Маҷмӯи донишҳои мансуби аъмоли инсонанд, ки ду ҷиҳати кирдори ӯро фаро мегиранд: яке рафтори холӣ аз халал ва аъмоли зишту бад, дигаре касби илму ҳунар ва маориф, фаъолияти инсон, ки аз нияту дархост (қалбӣ ё ботинӣ) ва амалу рафтору кирдораш муайян мешавад. Пас, ахлоқи инсон аз ҳамин ҷиҳатҳои зоҳирию ботинии афъолаш таркиб ёфтааст. Шахсеро, ки дар илмҳои А. тахассус пайдо мекунад, адиб меноманд. Адиби комил шахсест, ки зоҳиру ботинаш як бошад ё худ қавлаш ба амалаш ва рафтору кирдору гуфтор ба нияташ мувофиқат кунад. Аз ин рӯ, дар илми ахлоқ одобро таҳзиби зоҳиру ботини инсон мешуморанд. Аксари муҳаққиқони асрҳои миёна вобаста ба ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ рафтору одобро ба таври гуногун дарк кардаанд. Мас., баъзеҳо А.-ро дар муомилат мебинанд. Дар илми А. (наср ва каломи мавзун) одоби адибон дар риояи балоғату нафосату фасоҳат зоҳир мешавад. Аҳли шариат таҳсили улуми шаръӣ ва риояи одоби динро таблиғ мекарданд, аҳли тасаввуф силсилаи одоби суфияро тартиб дода, риояи онро барои камолоти маънавии инсон зарур мешумориданд. А. ишора ба касби улум ва маорифи куллии инсон мебошад, ки қисми таркибии ахлоқ аст.

АДА́Б, маҷмӯи илмҳои филологиро мегӯянд, ки «улуми адабӣ», «улуми инсонӣ» ва «улуми адабия» низ номида мешаванд. Улуми адабиро донишмандони замони гузашта Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ (а. 14), Ғиёсуддин Муҳаммади Ромпурӣ (муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», а. 19) ва диг. иборат аз 12 – 15 навъ донистаанд, ки аз инҳо иборатанд: 1) илми сарф – илми маърифат ва шинохти калому гуфтор, ки шарҳу баёни чигунагии сохти калимаҳоро дар бар мегирад. Усули тадқиқоти ин илм ба сохти калимасозии забони арабӣ мувофиқ буд. Ба истилоҳи имрӯза ин илмро морфология мегӯянд; 2) илми иштиқоқ – калимасозӣ. Роҳҳои сохта шудани калимаҳо аз калимаҳои дигар ба воситаи таносуби ҷавҳари мобайни онҳо ё таносуби байни ду калима дар асли маънӣ ва таркиб, ба монанди сӯхт – сӯз ва ғ. Иштиқоқ сағир, кабир ва акбар мешавад; 3) илми луғат – аз шинохти маънои калимаҳо, сабабу сарчашмаи пайдоиши онҳо, муносибати лафзу маънӣ, тақсими калимаҳо ба навъҳо (исм, феъл ва ғ.), тарзи шинохти маъно дар калимаҳои арабӣ, форсӣ (тоҷикӣ), туркӣ ва ғ. баҳс мекунад; 4) илми баён – дар бораи ифодаи хоси ягон маънӣ бо лафз ва ибораҳои мухталиф ва худдорӣ кардан аз хато дар таркиби калом баҳс мекунад. Рукнҳои баён ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя мебошанд, ки асоси образнокии сухананд; 5) илми маонӣ – ба услуби сухан дахл дорад ва тарзи дурусти суханро аз рӯи мантиқ ва қонуни сарфу наҳв мефаҳмонад. Илмҳои маонӣ ва баён ҷузъҳои асосии балоғат мебошанд; 6) илми бадеъ – асоси фасоҳат ва забони сухан ба шумор меравад. Бадеъ ба муносибати муайяни маънавию овозӣ ва ҳуруфи калимаҳо асос меёбад; 7) илми наҳв – илмест, ки ба воситаи он аҳволи калима ва калом шинохта мешавад. Илми наҳвро воситаи маърифати каломи араб донистаанд; 8) илми арӯз – маърифати вазнҳо ва баҳрҳои шеърро дар бар мегирад; 9) илми қофия – маърифати хусусияти охири байтҳои шеърро мегӯянд; 10) илми нақдушшеър ё тақриз – илм дар бораи пайдоиши шеър ва нахустин шоир, раво будан ё манъи гуфтани шеър аз рӯи талаби дин, сифатҳои мутақарриз, хусусият ва тартиби тақриз ва монанди ин баҳс мекунад; 11) илми иншо – иншо дар луғат ба маънии шурӯъ ба эҷод аст. Дар истилоҳ илмест, ки кайфияти баёни маониро фаро мегирад. Баъзан онро ба ду ҷудо кардаанд: илми иншои назм ва иншои наср; 12) илми хат ё китобат – илмест, ки ба воситаи он усулҳои навиштан ва қоидаҳои китобат омӯхта мешаванд.

Ба ғайр аз ин дар китобҳо соҳаҳои зеринро ба А. афзудаанд: а) илми тасриф – илмест, ки тағйири маънои калимаро аз рӯи реша дар бар мегирад; б) илми амсол – илмест, ки дар бораи зарбулмасалу мақолҳо, масалу ҳикояҳои воқеӣ баҳс мекунад; в) илми давовин, ки иборат аст аз маърифати ашъори девоншуда, ба эътибори таркиб ва маънию дуруст хондани садонокҳои кӯтоҳ (ҳаракатҳо) ҷиҳати саҳв нашудан дар вазни шеър. Илова бар инҳо илми ансоб, ки вазифаи он шинохтани равобити хешовандӣ буда, илми таърих ҳам аз он ибтидо мегирад, гоҳо дар радифи А. гузошта мешавад. Дониши таъриху сияр ва қисса, ки маърифати аҳволи гузаштагонро дар назар дорад, низ дар баъзе китобҳо ба гурӯҳи улуми адабӣ дохил карда шудаанд. Дар асрҳои миёна илмҳои амсолу ҳикам, муаммо, анвои шеър, таърихҳо (санаи бо ҳисоби абҷад навиштани таърих) низ дохили дониши А. буданд. Аз ин табақабандӣ маълум мешавад, ки донишмандони замони гузашта умумият ва ягонагии ҳамаи ин навъҳоро аз вобастагии онҳо ба қонунҳои забон, таркиботи лафзӣ ва тарзи истифода иборат медонистанд. Бо ҳамин сабаб донишҳои аз назари имрӯзаи мо аз ҳам дур, монанди сарфу наҳв ва таърих ба як дастаи илмҳо дохил шудаанд. Аз мавқеи забон тасниф шудани улуми адабӣ, ки яке таълими лафзи баён ва дигаре объекти муҳокима мебошад, сабаби асосии афзудани миқдори онҳо шудааст. Барои дарёфти дониши А. шахс бояд аввал дорои чанд сифат (заковат, хаёл, ҳофиза, ҳис ва завқ) бошад ва онҳоро такмил диҳад. Дуюм, қонуну қоидаи таълифи назму наср, ҳусни иншои шеъру хитобаро ҳам донистан лозим аст. Сеюм, таснифоти аҳли балоғат ва мутолиаю татаббӯъ дар онҳо лозим аст. Чаҳорум, донистани сабки адибон ва аҳли балоғати қадим низ зарур мебошад. Шахсе, ки дар тамоми анвои А. тахассус пайдо мекард, ӯро адиб мегуфтанд. Гоҳо ихтисоси шахс тахаллуси ӯ шудааст. Монанди Низомии Арӯзӣ, Хатиби Табрезӣ ва диг. Дар байни адиб ва олим фарқ мегузоштаанд, яъне адиб аз ҳар чизе беҳтар ва хубтаринро интихоб менамояд, олим танҳо мақсадро гирифта, дар он маҳорат меёбад. Ба ин тариқ, А. ё улуми адабӣ асоси филологияи асрҳои

миёна буда, дастурҳои таълимӣ, тартиботи таълим, амалия ва назарияи таълифи назму наср, воситаи асосии омӯхтани забон, тарзи ифода, санъат, вазну қофия ва диг. масъалаҳои сарфию наҳвӣ ва шаклию оҳангии сухани манзуму мансурро дар бар мегиранд.

Ад.: Ҷалолуддин Ҳумой, Фунуни балоғат ва санооти адабӣ, Т., 1367 ҳ. ш.; Шарифов Х., Балоғат ва суханварӣ, Д., 2002. *Х. Шарифов.*

«АДА́Б», маҷаллаи илмию маърифатӣ ва таълимию методии Вазорати маорифи ҶТ, ки бо мақсади амалӣ намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ» (22-юми июли 1989 қабул шуда буд) ва кӯмак расондан ба омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷикӣ 73 шумора (аз моҳи июли 1991 то февр. 2006) чоп шуд. Вазифаи сардабирии «А.»-ро Ш. Исломов (1991 – 95) ва Ш. Шокирзода (1995 – 2006) ба ӯҳда доштанд. Дар саҳифаҳои «А.» нигоштаҳои донишмандон, адибон, омӯзгорони Тоҷикистон ва хориҷи кишвар оид ба адабиёт, таърих, фалсафа, ахлоқ, динҳо, омӯзишу парвариш, омӯзиши алифбои ниёгон, забонҳои хориҷӣ, инчунин асарҳои донишмандону адибони гузаштаву муосири тоҷик ва ҷаҳон ба табъ расиданд. Яке аз самтҳои асосии кори «А.» инъикоси шеваи таълиму тадрис дар кӯдакистон, мактабҳои миёнаву олӣ буд. Сарлавҳаи фаслҳои асосии «А.» «Пешинаи тоҷикон ва қавми тоҷик», «Пажӯҳиш», «Аз Рӯдакӣ то имрӯз», «Қонуни забон», «Роҳнамои хирад», «Минбари омӯзгор», «Дурнамои мактаби миллӣ», «Шеваи омӯзиш» ва ғ. буданд. Солҳои 1997 – 99 маҷалла замимаеро бо номи «Ганҷи адаб» бо ҳуруфи арабиасоси форсии тоҷикӣ нашр намуд. Ба ифтихори ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1994), 120- солагии Иқбол (1997), 1100-солагии давлатдории Сомониён (1999), 960- солагии Умари Хайём (2000), 1000-солагии Носири Хусрав (2003), 80-солагии ш. Душанбе (2004), соли тамаддуни ориёӣ (2006) ва ғ. шумораҳои махсуси «А.» ба табъ расиданд. Бо мақсади васеътар намудани доираи фаъолияти нашрия, бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи ҶТ (12. 1. 2006, № 1/1) номи маҷалла ба «Маорифи Тоҷикистон» табдил ёфт. Маҷаллаи «А.» с. 2001 ба гирифтани Дипломи Вазорати фарҳанги ҶТ мушарраф гардид. *Ш. Шокирзода.*

«АДА́Б», маҷаллаи илмӣ, адабӣ ва таълимию маърифатӣ. Муассисаш созмони ҷамъиятии «Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон». Аз апр. 2007 дар се моҳ як маротиба чоп мешавад. Шиори маҷалла: «На ғарбӣ, на шарқӣ, инсонӣ». Ҳадафи маҷалла тарғибу ташвиқ ва нашри адабиёти асили дар паҳнои тамаддуни башар офаридашуда мебошад. Дар 17 шумораи «А.» (июни 2011) намунаҳои осори намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳон И. В. Гёте, Л. Н.Толстой, Р. Такур, Ҳ. Ҳессе, В. Ҳуго, Ги де Мопассан, Азиз Несин, Перл С. Бак, С. Лагерёф, Ф. Кафка, Р. Роллан, Б. Пастернак, Т. Драйзер, Рене Шар ва диг. ба табъ расидаанд. Бори аввал дар Тоҷикистон дар «А.» зиндагиномаи мухтасар ва номгӯи осори дорандагони Мукофоти Нобел (с-ҳои 1900 – 2009) чоп шудааст. Ҳадафи дигари «А.» муаррифӣ ва арҷгузорӣ ба заҳмати мутарҷимон ва мутахассисони бахши робитаҳои адабӣ мебошад. Дар «А.» ҳикоятҳо ва ҳидоятҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ пешкаши хонандагон мегарданд. Ба муносибати бузургдошти Имоми Аъзам ва донишманди улуми филология Л. Бузургзода шумораҳои махсус ба табъ расиданд. *Ш. Шокирзода.*

АДАБИЁТ (ар. ҷ. адаб – дониш, сират, ҳунар, хулқу хислат), 1) маҷмӯи донишҳо, ки инсониятро ҳангоми таълифи назму наср аз гумроҳӣ ва ғалату хатоҳо нигоҳ медоранд; фунуни адабӣ ё улуми адабӣ, ки иборат аз дувоздаҳ навъи асосӣ мебошанд; 2) маҷмӯи таҳқиқот, таълифот ва кулли осори хаттии халқе ё тамоми инсоният; 3) осори хаттии ин ё он халқ, ки тарзи махсуси инъикосу маърифат дорад ва онро А.-и бадеӣ ҳам мегӯянд. А.-и бадеӣ аз диг. навъҳои А. бо бадеият, ки натиҷаи шакли хоси маърифату инъикоси он аст, фарқ мекунад. Ба ин маъно А. як навъ санъати сухан аст. А. як навъи фарҳанг аст дар қатори рассомӣ, наққошӣ ва ғ. Чунин тарзи фаҳмиши А. дар Европа дар замони нав, яъне аз а. 18 маъмул гашт ва то он вақт истилоҳи ягона надошт. Дар ҳаёти маънавии мардуми тоҷик А. ба маънои кунунӣ дар замони шӯравӣ ва аз он ҳам пештар маъмул будааст. Минбаъд ба мафҳуми А. адабиёти илмӣ, адабиёти таърихӣ, адабиёти техникӣ, адабиёти асрҳои миёна ва ғ. изофа гардид. Дар илму адаби гузаштаи мо мафҳумҳои «улуми адабӣ», «фунуни адабӣ», «адаб», «назм» ва «наср» истифода мешуданд, вале онҳо фарқи ҷиддие байни амалия ва назарияи эҷоди бадеӣ намегузоштанд, баҳсҳои илмии онҳо ҳусусияти дастурӣ дошт ва истилоҳи А. ба мафҳуми имрӯзӣ истифода намешуд. А. як навъи санъат аст. Ҷиҳатҳои хоси он ба воситаи образ ба вуҷуд овардани воқеияти бадеӣ (ҳунарӣ) ва тарзи ҳиссии маърифати ҳастӣ мебошад, ки парваридаи хаёл ва ормони башарист. Воситаи асосии инъикосу маърифат дар А. сухан (калом) мебошад. Забон мувофиқи тарз ва хусусияти А. истифода мешавад ва нишонаҳои он образнокӣ мебошад, ки сифатҳои намоишӣ, мушаххас, эмотсионалӣ, фардият ва монанди онро дорад. Воситаи асосии шакли асар ва асоси мазмуни он забон мебошад. Фақат ба воситаи забон шакли предметию намоишии А. ба вуҷуд меояд.

А. аз се ҷинси асосӣ – эпос, лирика ва драма иборат аст. Байни ҷинсҳои адабӣ дар тарзи тасвир фарқи ҷиддие нест, тафовут асосан ба шакли баён ва инъикос дахл дорад. Мазмун ва шакли ҳар яке аз ҷинсҳои адабӣ аз талаботи воқеият сар мезанад. Пайдоиш ва такомули навъҳои адабӣ роҳҳои асосии пешрафти таърихии тафаккури бадеии инсониятро нишон медиҳанд. Тамоюлҳои рушди адабӣ дар таърихи башарият дар навъҳои адабӣ инъикос ёфтаанд. Ҷинсҳои адабӣ дар баробари қонунҳои куллии инъикоси воқеият, ҷиҳатҳои фикрии эҷодиёти адибонро ҳам дар бар мегиранд. Дар баробари умумиятҳо ҳар ҷинси адабӣ хусусияти хосе низ дорад. Образу характерҳо (типҳо)-и асари бадеӣ дар тасаввури хонанда ягон амалиёту ҳаракат ва ҷунбиши мавқеию ботиниеро намоиш дода, воқеиятро бо тобишҳои гуногун ҷилвагар месозанд. Образҳои асари адабӣ дар муҳити муайян ва вобаста ба талаботи ҳамон муҳит амал мекунанд. Маҷмӯи амалиёти инсон, низоъ ва такону ҷунбиши воқеаҳо сужети асарро ба вуҷуд меоваранд. Пайванди дохилии ҷузъиёти асар композитсия (банду баст)-и онро ташкил мекунад. Ҷинсҳои асосии А. аз мавқеи мазмуну шакл ба навъҳо (жанрҳо) тақсим мешаванд. Рушди анвои адабӣ ҳамеша тобеи талаботи замон аст. Навъи адабӣ дар шароити муайяни таърихӣ мувофиқи мазмуни воқеӣ ташаккул меёбад ва баъдан дар эҷодиёти адибон шакли инфиродӣ ва нотакроре пайдо менамояд. Навъи адабӣ майли мавзӯъ ва мундариҷаи А. аст ва барои таҳаввулу такомули шакли он замина фароҳам меорад. Аз ҳамин ҷо равиши мураккаби пешрафти А. дар асоси ташаккули анвои он бо таъсири воқеият ва такмили навъҳо ба вуҷуд меояд. Гуно-

гунии методу услубҳо ва ҷараёнҳои адабӣ низ ба тақозои таърихии ҳаёти ҷамъият вобаста аст. А. (санъати сухан) дар заминаи эҷодиёти лафзии мардум дар замонҳои қадим пайдо шудааст. Дар А.-и қадима унсурҳои каломи бадеъ бо ҷузъиёти асотирӣ, динӣ, илмӣ ва мафкуравӣ омехта буд. А. дар марказҳои қадимии тамаддуни башарӣ, яъне Миср, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Юнон, Рим ва ғ. ташаккул ёфтааст. Дар ибтидо диди асотирӣ асоси маърифати олам буда, осори А.-и қадим ҳамзамон намунаи андешаҳои илмӣ ва ҷаҳонбинии он замон будаанд. Қадимтарин намунаи ин гуна асарҳо китобҳои Авесто, «Иллиада», «Одиссея», «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Шисзин» ва ғ. мебошанд. А.-е, ки заминаи асотирӣ дошт ва ҳатто эпоси асотирии комиле ба вуҷуд овард, дар Юнони Қадим инкишоф ёфтааст. Достонҳои Ҳомер – «Иллиада», «Одиссея», драмаҳои Эсхил, Софокл, Еврипид, Калидаса, ашъори Анакреонт, Горатсий ва диг. намунаҳои олии А.-и нотакрори Юнон мебошанд. Дар асрҳои миёна дар мамлакатҳои Шарқ А. нашъунамо ёфта, асарҳои мӯҳташами «Маҳабҳарата», «Рамаяна»-и ҳиндӣ, «Монагатари»-и японӣ, «Ҳазор афсона»-и эронӣ, достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Вис ва Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ, «Хамса»-и Низомӣ ва ғ. ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ дохил шуданд. Сарояндагони сароғози шеърҳои ғиноӣ (лирикӣ) Бо Тсзюй, Ли Бо аз Чин; Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ аз мардуми форс-тоҷик, Матсуо Басё аз Япония ва диг. мебошанд. Дар мамлакатҳои Европа достону повестҳои қаҳрамонӣ («Достони Нибелунгҳо», «Гуфтор дар бораи полки Игор» ва ғ.) ва навъҳои нави лирикаю ҳаҷв пайдо шудаанд. Саҳми халқҳои Европа махсусан барои инкишофи ҷинси драма бузург аст.

Давраи нави инкишофи А. аз замони *Эҳё* (ренессанс) оғоз меёбад. Ба монанди диг. соҳаҳои афкори иҷтимоӣ дар соҳаи А. ҳам шахсони барҷастае ба майдон омаданд. Нависандагон Данте, Боккаччо, Рабле, Шекспир, Сервантес асоси А.-и нави Европаро гузоштанд. Аз ҳамин вақт давраи пурҷӯшу хурӯши инкишофи А. дар Европа ва тадриҷан бо таъсири онҳо дар тамоми олам сар мешавад. Дар А., инчунин, равияҳои нав ба наве пайдо шуданд, ки ҳар кадоми онҳо сабк ва тарзи хоси худро доштанд. Ҷараёнҳои асосии А. ва санъати а-ҳои 16 – 20 барокко, класситсизм, маорифпарварӣ, натурализм, романтизм ва символизм мебошанд. Дар а. 20 ҷараёнҳои нави адабӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо истилоҳи декаданс ном мебаранд ва аз ҷиҳати мавқею муносибат ба А.-и гузашта инчунин модернизм ҳам мегӯянд. Аммо анъанаҳои реалистии адабиёти а. 19 ҳоло ҳам дар А.-и олам мавқеи мустаҳкаме доранд. Махсусан нуфузи адибони барҷастаи рус А. С. Пушкин, Н. В. Гогол, Л. Н. Толстой, Ф. М. Достоевский, А. П. Чехов дар байни адибони олам бузург аст. Онҳо тасвири реалистиро ба пояҳои нави халқияту мардумпарварӣ бардоштанд. А.-и замони шӯравиро А.-и реализми сотсиалистӣ мегуфтанд, вале аз реализми суннатӣ фарқи зиёде надошт. Намояндагони А.-и даврои нави тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, Р. Ҷалил, Ф. Ниёзӣ, М. Қаноат, Лоиқ, Меҳмон Бахтӣ, А. Самадов, Бозор Собир, Сорбон, Ӯ. Кӯҳзод, Гулназар, Гулрухсор, А. Ҳаким, Р. Назрӣ, К. Насрулло, Б. Абдураҳмон, Сайфи Афардӣ ва диг. мебошанд. А.-ро илми *адабиётшиносӣ* меомӯзад. *Х. Шарифов.*

«АДАБИЁТ ВА САНЪАТ», газета (ҳафтанома)-и ИН Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги ҶТ ва ҳайати эҷодии он. 2 апр. 1959 бо номи «Маориф ва маданият» таъсис ёфтааст. 1 янв. 1981 фаъолияти «Маориф ва маданият» қатъ гардид. Ба ҷойи он ду газета – «Маданияти Тоҷикистон» ва «Газетаи муаллимон» таъсис ёфтанд. Соли 1984 «Маданияти Тоҷикистон» «Адабиёт ва санъат» ном гирифт. Ҳафтанома минбари эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар мавзӯъҳои соҳаи адабу санъати тоҷик мақолаҳо интишор мекунад. Аз рӯзҳои аввали таъсисаш «А. ва с.» хонандаи худро бо рӯйдодҳои адабӣ, ҳунарӣ, воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсии кишвар зери сарлавҳаҳои «Ҷашннома», «Ёднома», «Бозёфт», «Рӯйдодҳои адабӣ ва фарҳангӣ» ошно месозад. Саҳифаҳои «А. ва с.»-ро бахшҳои «Наср», «Назм», «Тадқиқот», «Такриз», «Бозёфт», «Баҳсу андеша», «Нигористон», «Проблема аз назари хонанда», «Дар коргоҳи адиб (рассом)», «Мизи мудаввар», «Мероси ниёгон», «Мактуби хонанда» ва ғ. ташкил медиҳанд. Оид ба масъалаҳои гуногуни адабиёт ва санъат, мусиқӣ, театр, тарҷумаи бадеӣ, иқтисодиёт, масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғ. мавод чоп мекунад. Инчунин саҳифаҳои «Хотирот», «Шодбошӣ», «Санъат», «Гулбоғи адаб», «Фарҳанг» аз ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик мужда мерасонанд. «А. ва с.» маводро оид ба мавзӯи доғи рӯз дар «Саҳифаи бетаҳрир» ҷой медиҳад. Дар бахши «Назм» ва «Наср»-и «А. ва с.» шеърҳо, ҳикояҳо, новеллаҳо, порчаҳо аз роману достонҳо ва тарҷума аз адабиёти ҷаҳон ба табъ мерасанд. Барои эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ-адабии ҳамзабонон бо ибтикори Ройзании фарҳанги ҶИЭ дар Тоҷикистон як саҳифаи «А. ва с.» – «Пайванд» бо ҳуруфи арабиасос нашр мешавад. Эҷодиёти аҳли қалами Эрон ва Афғонистон дар саҳифаи «Гулбонги порсӣ» чоп мешаванд. Саҳифаи ҳаҷвии «Мушфиқӣ» минбари ҳаҷвнависони Тоҷикистон мебошад. Сармуҳаррирони «А. ва с.»: Аскар Ҳаким (1980 – 90), Гулназар (1991 – 97), Ҳабибулло Нозирӣ (1998 – 2007), Карокатуллоҳи Мирзо (аз с. 2008).

Ад.: Фарҳанги рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои Тоҷикистон. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, Д., 1999. *А. Маликзод.*

АДАБИЁТИ АТИҚӢ, адабиёте, ки дар ду давлати қадимӣ ва машҳури дунё – Юнон ва Рим аз а. 9 то м. то а. 5 офарида шудааст. Атиқа аз калимаи лотинии antiquitas гирифта шуда, маънояш (даври) «бостон», «қадим» аст. Офарандагони А. а., гузаштагони мустақими адабиёт, фарҳангу маданияти кишварҳои Европаи муосир мебошанд. Тасаввурот оид ба мавқеи инсон дар табиат, оид ба мавқеи адабиёт дар ҷомеа, оид ба тақсимбандии адабиёт ба намудҳо – эпос, лирика, драма ва навъҳои (жанрҳои) адабиёт, оид ба санъатҳои бадеӣ, авзони шеър, хусусиятҳои забони адабиёт ва ғ., ки дар Юнони Қадим бунёд ёфта, ба Рими Қадим дода шуданд, дар асрҳои миёна дар Европа маъмул гардиданд. Ин тасаввурот, анъанаҳои адабӣ аз Рим ба Европаи Ғарбӣ, аз Константинополи Юнон ба Европаи Ҷанубу Шарқӣ ва ба Россия густариш ёфтанд. Осори А. а. дар Европа на танҳо мутолиа ва омӯхта мешуданд, балки намунаи эҷоди бадеии мукаммали идеалӣ ба шумор мерафтанд ва дар давраи *Эҳё* ва *класситсизм* намуна барои тақлид буданд.

Дар ҳамин давра мафҳумҳои «санъати атиқа», «таърихи атиқа», «фалсафаи атиқа», «маданияти атиқа» ба миён омаданд. Осори пуразриши дар ин соҳаҳо офаридашуда барои тамоми башарият аҳамияти калон доштанд. А. а. бо навъи адабии эпос (ҳамоса, достон)-и қаҳрамонӣ, бо *«Иллиада»* ва *«Одиссея»*-и *Ҳомер* оғоз ёфтааст.

Шоир Вергилий (70 – 19 то м.) дар тақлид ба Ҳомер достони «Энеида»-ро эҷод кард. Дар ин достон аз Эней ном паҳлавон ва ҳамсафонаш сухан меравад, ки аз ш. Троя бо киштиҳо ба ҳудуди Италия расиданд ва дар ин ҷо зиндагӣ ихтиёр намуданд. Бозмондагон (насл)-и онҳо баъдан ш. Римро бунёд гузоштанд. Овидий (43 то м. – 17) донишномаи манзуми устураҳоро бо номи «Метаморфозаҳо» офаридааст. Достонҳо дар мавзӯъҳои рӯз ҳам офарида мешуданд (достони «Ферсалия»-и шоири римӣ Лукан (39 – 65) – оид ба ҷанги Юлий Сезар ба муқобили ҷумҳурихоҳон). Ба ғайр аз достонҳои қаҳрамонӣ ва таърихӣ дар А. а. достонҳои андарзӣ низ вуҷуд доштанд (асари Ҳесиод «Меҳнат ва рӯзгор» – оид ба заҳмату зиндагонии кишоварзи поквиҷдон; маҷм. Вергилий «Георгики» – «Шеърҳо дар васфи кишоварзон», китоби Лукретсий «Оид ба моҳияти ашё» – дар бораи офаринишу сохтори коинот, инсон ва ҷомеа). Яке аз навъҳои маълуму машҳур дар А. а. фоҷиа (манзум) буд. Се нафар шоири бузурги юнонӣ – *Эсхил, Софокл, Еврипид* ва файласуфу шоири римӣ Сенека бузургони фоҷиа ба шумор мераванд. Номгӯи баъзе фоҷиаҳои А. а. ба-д-ин қарор аст: «Прометей», «Ҳеракл», «Шоҳ Эдип», «Ҳафт муборизи зидди Фива», «Федра», «Ифигения дар Авлида», «Агаменон», «Электра» ва ғ. Навъи дигари А. а. мазҳака буд ва эҷодкорони он Аристофан, Менандр (343 – 291 то м.) дар Юнон ва Плавту (ваф. 184) Терентсий (195 то м. – 159) дар Рим мебошанд. Намояндагони навъи адабии лирика низ дар А. а. арзи вуҷуд намудаанд. Анакреонт (570 – 478 то м.) шаробу ишқ, хушгузаронии умр, Пиндар (518 – 442 то м.) зиндагии хирадмандона, шоири римӣ Горатсий (65 то м. – 8) эзидон ва қаҳрамононро васф мекарданд. Навиштаҳои ин шоирон барои сурудан таъйин гардида буданд. Шеърҳо – хитобаҳоро, ки барои шунавандагон мехонданд, «элегия» меномиданд. Ин навъ ашъор, ки шоирони римӣ Тибули (50 – 19 то м.), Проперсий (тав. 50 то м) ва Овидий эҷод кардаанд, мазмунҳову мавзӯъҳои ишқиро дар бар мегирифтанд. Элегияи хурд «эпиграмма» («катиба») ном дошт. Шоир Марсиал (40 – 104) эпиграммаҳои ҳаҷвӣ менавишт. Асосӣ мансур дар А. а. нисбат ба асосӣ манзум камшумор буд («Дафнис ва Хлоя»-и Лонг, «Сатирикон»-и Петроний, «Хари тиллоӣ»-и Апулей ва ғ.). Ин навъ асорро насри ғайриҷиддии барои мардуми одӣ таъйингардида медонистанд. Насри ҷиддӣ, орӣ аз хаёлоти бадеӣ асосӣ таърихнигорон *Ҳерродот*, Фукидид (460 – 400 то м.), Тит Ливий (59 то м. – 17), Татсит (55 – 120) ба шумор мерафтанд. Асосӣ дигари мансурро, ки хусусияти андарзӣ, ахлоқомӯзӣ дошт, файласуфони Юнони Қадим *Афлотун*, *Плутарх* (таърихнигор ҳам буд) эҷод кардаанд. Асосӣ мансури бо санъатҳои бадеӣ ороста, бо забони ширину бадеияти баланд эҷодшуда нигоштаҳои нотиқон (ораторҳо; воизон) буд, ки машҳуртаринашон Ситсерон (106 – 43) мебошад.

Дар А. а. инсон, воқеияти табиӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибати инсону табиат, масъалаҳои муҳимми давр, тазодҳо, эҳсосот инъикос ёфтаанд. Адибон шуҷоату диловарӣ, ватандӯстӣ ва одамиятро васф кардаанд. Инсони тасвирнамудаи онҳо ҷисман пурзӯр аст, маънавиёти бой дорад. Адибони Европа дар тамоми давраҳои эҷоди худ ба А. а. муроҷиат намудаанд ва ин анъана идома дорад. Таъсири А. а. ба адабиёти Шарқ аз асрҳои миёна шурӯъ шуда, имрӯз ҳам қатъ нагардидааст. А. а. ба фалсафа (машшоиён), математика, таърих, ҷуғрофия, ҳандаса, санъат, маданият ва диг. соҳаҳои илму фанни Машриқзамин, аз ҷумла Эрону Осиёи Марказӣ бевосита ва ё ба тавассути тарҷумаҳои арабии осори юнониён таъсир расондааст. Ин таъсир дар адабиёт муфид ва самарабахш буд. «Поэтика» ва «Риторика»-и *Арасту* аз асарҳое буданд, ки адабиётшиносону файласуфони арабзабон ва тоҷик Ибни Рушд, Абуалии Сино, Форобӣ, Насируддини Тусӣ онҳоро омӯхтаанд ва шарҳу тафсир кардаанд. Сарчашмаи чанде аз достонҳои адабиёти классикии форс-тоҷик – «Вомиқ ва Азро», «Саломон ва Абсол» ва ғ. адабиёти юнонӣ мебошад. Дар офаридани «Искандарнома»-ҳо ҳам аз манбаъҳои юнонӣ истифода шудааст. Баъзе қаҳрамонони ин қабил асарҳо юнониандва бо ҳамон номи юнониашон амал мекунанд. Асарҳои Ҷ. Одина, Сорбон, Ато Ҳамдам ва диг. дар бораи Искандар ва Спитамен дар заминаи манбаъҳои юнонӣ офарида шудаанд. Нависанда Б. Абдураҳмон романашро дар бораи Куруши Кабир бо истифода аз сарчашмаҳои юнонӣ нигоштааст. Дар театрҳои Тоҷикистон драмаҳои адибони даврони атиқа намоиш дода мешаванд, ки «Шоҳ Эдип»-и Софокл (дар нақши асосӣ Ҳ. Гадоев) намунае аз онҳо мебошад.

Ад.: Фанни шеър (Доир ба санъати шеърӣ), Д., 1985; Саидов С., Боқиев Ҳ., Таърихи адабиёти хорича (Адабиёти Юнону Руми бостон), Д., 2007; Фарҳанги адабиёти ҷаҳон, дар 6 ҷ., Т., 1384; Тронский И. М., История античной литературы, М., 1983.

Ҳ. Боқиев, М. Диловаров.

АДАБИЁТИ БАЧАГО́Н, адабиёти атфол, адабиёти кӯдак, асарҳои бадеӣ, илмии бадеӣ, илмии оммавӣ, илмии тахайюлӣ (фантастикӣ) ва моҷароӣ, ки махсус барои бачагон навишта шудаанд. Одатан зери ин мафҳум асарҳои сершумори халқӣ, осори пандомези классикони адабиёти форс-тоҷик, инчунин намунаҳои адабиёти ҷаҳонӣ «Робинзон Крузо»-и Д. Дефо, «Саргузашти Гулливер»-и Ҷ. Свифт, «Саргузашти Чипполино»-и Ҷ. Родари, «Саргузашти Мюнҳаузен»-и Р. Э. Распе, Л. Кэролл «Алиса дар ҷазираи мӯъҷизаҳо», М. Твен «Саргузашти Том Сойер», романҳои Жул Верн ва ғ.-ро низ асарҳо барои кӯдакон номидан мумкин аст. Таърифу тавсифи А. б. дар осори мунаққиди машҳури рус В. Г. Белинский омадааст. Ба ақидаи вай «Адабиёти бачагон барои тарбия навишта мешавад, тарбия бошад фаъолияти кори бузургест, вай тақдири инсонро ҳал мекунад. Тарбият одамро намеофарад, вале кумак мекунад, ки тағйир ёбад, нек ё бад шавад». Инчунин В. Г. Белинский андешаашро оид ба нависандае, ки барои кӯдакон менависад, иброз доштааст. Ин гуна нависанда бояд истеъдод, афкору андешаи баланд, парвози шоиронаи тахайюлот ва ғ. дошта бошад. Асарҳои А. б. дар тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастӣ, дар рушди тафаккури бадеию илмӣ ва парвози хаёлоти бачагон мақоми барҷаста доранд. Фарқи А. б. аз адабиёти калонсолон на дар мавзӯъ, балки дар тарзу сабку навишти он аст. Барои бачагон асар бояд тарзе нигошта шавад, ки ба дараҷаи дарку фаҳмиш, табъу завқу салиқа, авзои рӯҳию равонӣ ва синну соли онҳо мувофиқ бошад. А. б. саршор аз ҷӯшу хурӯши зиндагӣ, шавқу шодӣ, ҳаракату амалиёт буда, бо забони равону сода, оҳанги муассири шоирона ва пур аз самимияту дилгармӣ навишта мешавад, то ки бачагон ҳангоми мутолиа ба шавқ омада, дилашон ба зиндагӣ гармтар гардад. Нависандаи атфол бояд зода, халқ шавад, на сохта. А. б. дар тарбияи инсонсозии насли наврас нақши комил дорад А. б. ҳам мисли тамоми адабиёти калонсолон муҳимтарин масъалаҳои давр – ҷанги сулҳ, мубориза барои тантанаи адлу инсофу ростӣ, озодию истиқлолияти миллӣ

ва адолати иҷтимоӣ дар рӯи замин, ҷоннисорӣ дар роҳи саодати халқу ватани азиз, далерию мардонагӣ, муҳаббат ба арзишҳову муқаддасоти миллию аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои бузурги гузаштагон, ба одобу ахлоқи ҳамида, одамият, таълиму тарбия, ҳусни инсон ва ғ-ро дар рӯҳи башардӯстии олӣ таҳлилу баррасӣ ва тадқиқ менамояд.

А. б.-и форс-тоҷик ба мисли адабиёти он таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Авесто китоби динӣ буд, вале дар қадим баъзе бахшҳои он ба кӯдакон омӯзонда мешуд. Баъзе андарзномаҳои адабиёти паҳлавӣ (форсии миёна), мас., «Андарзи кӯдакон», «Хусрави Қубодон ва ридаки ӯ» барои тарбияи кӯдакон навишта шудаанд. Каҳрамони достони «Ёдгори Зарирон» Баставри наврас мебошад, ки пас аз кушта шудани падар ба муқобили душманон мубориза мебарад ва қаҳрамониҳо нишон медиҳад.

Эҷодиёти шифоҳии халқ низ беҳтарин намунаҳои А. б.-ро дар бар мегирад, ки ҳиссае аз онҳо дар маҷмӯҳои «Афсонаҳои халқи тоҷик», «Латифаҳоитоҷикӣ»,«Зарбулмасалва мақолҳоитоҷикӣ»,«Чистонҳо»,«Фолклори тоҷик», «Намунаҳои фолклори Дарвоз», «Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ», «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон», «Фолклори Норак», «Таронаҳои Самарқанд», «Сумане аз ҳар чамане», инчунин китобчаҳои махсуси атфол («Эраҷи тилисмшикан», «Алоуддин ва чароғи сеҳрнок», «Алибобо ва чил роҳзан», «Бузаки ҷингилапо», «Лаку Пак», «Дарвоза нигин дорад», «Баҳори лолазор омад», «Як лаъли марҷон», «Лелак лелаки Боқӣ», «Алла, ҷонам аллаё», «Хурӯси хушсадои ман», «Олуча гули бодом» ва ғ.) ба табъ расида, дар инкишофу ғанӣ гардонидани А. б.-и тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Як қисми осори классикони адабиёти форс-тоҷик, ки ба масъалаҳои тарбияи ахлоқи ҳамида бахшида шудаанд, дар шакли насиҳатнома таълиф ёфтаанд. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» («Насиҳатнома»)-аш, ки яке аз асарҳои пурарзиши насри дидактикист, зимни насиҳати фарзанди худ бисёр масъалаҳои вобаста ба одобу ахлоқ, илму дониш, одоби муошират, муносибатҳои оилавӣ ва ғ.-ро ба миён гузоштааст. Чунин насиҳатномаҳои падар ба фарзанд дар адабиёти классикии мо зиёданд («Насиҳат ба фарзанди худ Муҳаммад»-и Низомии Ганҷавӣ, «Панд ба фарзанди арҷманд»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Дар насиҳати фарзанди арҷманд»-и Шамсиддин Шоҳин ва ғ.), инчунин «Панднома»-и Фаридуддини Аттор, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ, «Муш ва Гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳориёт»-и Сайидо ва ғ. гарчанде дар асл барои бачагон навишта нашудаанд, вале ба сабаби мазмуну мундариҷа, сужети ҷолиб ба бачагон низ писанд меомаданд.

Устод Айнӣ чун асосгузори А. б.-и шӯравии тоҷик дар навиштану тартиб додани китобҳои дарсӣ ва офаридани асарҳои бадеӣ барои бачагон хизмати арзандае кардааст. Ӯ дастовардҳои ғании адабиёти халқии тоҷик ва таҷрибаи ғании адабиёти русу халқҳои собиқ шӯравӣ ва ҷаҳониро ба ҳам омезиш дода, «Хонадони хушбахт», «Таҳзибус-сибён» (1910), «Қизбола ё ки Холида» (1924), «Аҳмади девбанд» (1928), «Мактаби кӯҳна» (1934), «Ятим» (1939) барин асарҳо навишта, бачагонро дар рӯҳи нотарсию далерӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба халқу ватан, илму ҳунаромӯзӣ, накӯкорӣ ва ғ. тарбия кардааст. Устод Лоҳутӣ низ дар ташаккулу инкишофи назми бачагон хидмати арзандае дорад ва аксар шеърҳояш сурудҳои атфоли тоҷикӣ шудаанд. Пайрав, А. Ҳамдӣ, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, Б. Азизӣ, М. Аминзода, Н. Шерзода, Ҳ. Карим, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Б. Раҳимзода, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, А. Шукӯҳӣ, М. Фарҳат, Ф. Ансорӣ, Б. Ҳоҷӣ, У. Рачаб, А. Сидқӣ, А. Баҳорӣ, А. Шарифӣ, Б. Ортиқов, Озод Аминзода, М. Ҳакимова, Нӯъмон Розиқ ва диг. ба воситаи осори худ ва тарҷумаи беҳтарин асарҳои кӯдакони русу халқҳои собиқ шӯравӣ ва ҷаҳонӣ дар рушду камол ва инкишофи А. б.-и тоҷик саҳми бориз гузоштаанд. Шеъру суруд, тарона ва достонҳои сершумори М. Миршакар («Мо аз Помир омадем», «Неъмат», «Федка», «Бачагони Ҳиндустон» ва ғ.) аз дӯстдоштатарин асарҳои бачагони мо буда, дар ташаккулу инкишофи А. б.-и тоҷик таъсири зиёд расондаанд. Ох. с-ҳои 50 ва авв. с-ҳои 60 а. 20 чун дар тамоми адабиёти калонсолони шӯравии собиқ ва адабиёти тоҷикӣ гардиш ё давраи тоза дар адабиёти кӯдак маҳсуб мешавад. Ин солҳо давраи мубориза дар роҳи даст кашидан аз умумигӯии безоркунанда, осори берӯҳу забонзаду такрори маҳз ва рӯ овардан ба мушаххасгӯиву муассирнависӣ, ба сӯи хаёлангезӣ, латофату назокат ва равонию поккорӣ дар забону тарзи баён аст. Бори нахуст дар таърих шеъри кӯдакони тоҷик ба шеъри шифоҳии кӯдакон дар ҳамоғӯшии танготанг қарор дошт ва шеъри шоирони тоҷик ба шеъри шифоҳии кӯдакон сахт даромехту омезиш ёфт. Беҳтарин шеърҳои барои атфол навиштаи М. Миршакар, Ғ. Мирзо, А. Шукӯҳӣ, У. Рачаб, Гулчеҳра, Н. Бақозода, Н. Розиқ, Ҷ. Ҳошимӣ ва диг. ҳамон шеърҳоеанд, ки дар тарзи сухани шифоҳии кӯдакони тоҷик, дар оҳангу зарб, вазн қофия, забони нобу поку содаву равони он офарида шудаанд. Солҳои озодӣ ва истиқлолият Гулназар, Н. Қосим, С. Маъмур, Р. Назрӣ, К. Насрулло низ дар ҳамин сабку услуб, вале бо роҳи хоси хеш шеър иншо карданд. Ин шоирон на танҳо андарзу ҳикмат, афсонаю ҳикоёти халқиро ба назм даровардаю такмил дода, ба рӯҳи замон ва талаботи хонандаи имрӯз мувофиқ мекарданд, балки асарҳои худро низ бо ҳамон сабки нигориши хос, зарбу оҳанги шӯхи таъсирбахш ва ҳаячонангезии асарҳои халқӣ навиштаанд. Маҳз ба воситаи навиштаҳои онҳо жанрҳои гуногуни асарҳои бачагона – шеъру тарона, достону афсона, суруду марш, чистону кистону тезгӯяк, достон, повесту ҳикояҳои реалистӣ ва ғ. хеле равнақ ёфт. Китоби шеъру достонҳои Ғ. Мирзо («Санговдавак», «Баррача рӯяд аз замин», «Чилдухтарон», «Гунҷишкак», «Достак», «Шайтони бекалӯшу маҳсӣ», «Афсонаи сесона, се мурғи дари хона», «Гулҳои даста баста», «Аз гаҳвора то майдон», «Як қатра офтоб», «Як даста гул»…), А. Шукӯҳӣ («Баррачаи гурезпо», «Ил-18 омад», «Об аз кучо меояд», «Асад ва Самад»), Б. Ҳоҷӣ («Бузи айнакдор», «Шукуфаҳои чаман», «Гурбаи посбон», «Садарайҳон» ва ғ.), У. Рачаб («Орзуҳои ширин», «Қиссаи модаркалон», «Ҳамсӯҳбати ширинзабон», «Нинӣ чӣ ном дорад?», «Саду як барг», «Рӯи замин», «Хӯшаи гандум», «Ману ҷӯраҳои ман», «Як дона марворид», «Себаки ғелон», «Яккабурс», «Тиру камон дар рӯйи бом», «Кучо шуд пинҳон тафси тобистон», «Як лаъли марҷон»), Гулчеҳра «Имрӯз ид», «Ду бех олу», «Наргис», «Аспак», «Чил кокули бозигар», «Шаддаи марҷон», «Илҳом», «Рангинкамон», «Себи хубон», «Ниҳол», «Айёми гули лола», «Таронаҳои

офтобӣ», «Сичароғ», «Куртаи чакан», «Лолаҳои дасти ман»), Н. Розиқ, («Телефони гунҷишк», «Гулмоҳӣ», «Бузғолача», «Лона», «Чароғҳои гуногун», «Гулистон»), Н. Бақозода («Гулдара», «Ҳандалак», «Сурнайчӣ», «Оши ҳалол», «Чӣ хуш аст?», «Иди алифбо омад», «Дунё ба умеди ман», «Сайри боғи дах адад», «Алифбои дилкушо»), Гулназар («Аз барои Гулъизор», «Се кулчаи тандурӣ», «Девори сабз», «Гунҷишки наққош»), О. Аминзода («Чаро гӯши вай дароз», «Ман ҳам шудам мактабхон», «Қиссаи хартуми фил», «Афсонаҳои оча», «Ман хонда метавонам»), А. Бобоҷон («Бачаҳои хуб», «Мусича», «Парвози орзу», «Некӣ ба некӣ», «Осмондара», «Зардолуи маҳтобӣ», «Атри кӯҳистон», «Пайғоми парасту» ва ғ.), М. Ҳакимова («Мошин дар мошин», «Дастони моҳир», «Баҳори шукуфон», «Шаршара», «Маро нағз мебинед?»), Ҷ. Ҳошимӣ («Соябони садранга», «Офтобак», «Хати амонӣ», «Парасту», «Ман алифбо мехонам» (бо ҳамқаламии А. Баҳорӣ), «Нинӣ ба по шуд», «Аз як-як то лак-лак», «Кулча чаро ширин аст?» «Ре мегӯям ман бурро!» «Бачаҳову кӯчаҳо», «Чаро шамолак вазид? (Чигилакҳо»), С. Маъмур («Навоҳои гулдара», «Ашӯраҷон ҷони мо»), М. Ғойиб («Тути дара», «Пойгоҳ»), Ю. Аҳмадзода («Тӯҳфаҳо», «Мурғобӣ, чӣ мекобӣ?», «Хурсандӣ», «Ҳулбӯ», «Садсола шаве, дурроҷ», «Чидамағз барои кӯдакони нағз», «Панҷоҳ барг», «Парвин», «Мӯрчае дона ёфт»), Латофати Кенҷа («Лолаарӯсак», «Таронаҳо», «Марҷони ранга», «Сандукчаи марворид», «Афсонаи Тиллонур», «Мусича ва Дурдона», «Гурбаи Сомон ва чӯҷаи Ораш», «Қофиябозӣ», «Нома ба бародар», «Наҷотбахши дунё кист?» ва ғ.), А. Раҳмон («Чорбоғ», «Гулбоғи саодат»), Ҳ. Усмон («Бозори Ҳисор»), Ш. Маҳмадёр («Обшори Зидех»), М. Собир («Субҳи Варзоб»), Э. Нарзуллоҳ («Асо чӣ сеҳр дорад?»), А. Абунаср, Қ. Муҳаммадӣ, С. Садриддин, А. Азиз, Маҳбуба, Фаридун ва диг. асосан барои бачагони синну соли томактабӣ ва хурди мактабӣ навишта шуданд. Иншои ин навъ шеърҳо мушкил буда, аз шоир заҳмати зиёд ва истеъдоди баланд металабад ва маҳз ҳамин шоирон ин қисмати шеърро равнақу инкишоф доданд. Дар инкишофи А. б.-и садаи бистуми тоҷик саҳми М. Миршакар, Ғ. Мирзо, У. Раҷаб, Гулчеҳра, Н. Бақозода, Ҷ. Ҳошимӣ, Гулназар хеле чашмрас аст.

Дар А.б. баробари инкишофи шеъру достон ва ҳикояю афсона ба воситаи асарҳои М. Миршакар («Айёми шубоби Бирбал ва Акбар», «Дурдонаҳои Амрита»), А. Баҳорӣ («Ҷасорати доктор Мансур», «Мулоқот», «Занбӯри айнакдор», «Аҷоиботи Нодар», «Бозгашт», «Сумбула» ва ғ.), А. Истад («Мавҷи хаёлот», «Суруди офтоб», «Замир», «Дарахти пахта», «Баъд аз ҳазор сол» ва ғ.) қиссаю ҳикояҳои тахайюлӣ равнақ ёфтанд. Ба воситаи асарҳои А. Шукӯҳӣ («Об аз куҷо меояд?», «Асад ва Самад»), Б. Ортиқов («Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мӯмиё», «Дурдонаҳои Зарафшон» ва ғ.), А. Самад («Баъди сари падар», «Аспи бобом»), К. Мирзо («Дар ҷустуҷӯи падар»), Н. Раҷаб («Рӯзномае, ки бояд навишта мешуд», «Ҷонам фидои яхмос», «Фара, Фира Зара», «Хонае, ки сӯяш мешитобам», «Ишқи духтари яҳудӣ»), Д. Раҷабӣ («Нони ҷуворӣ», «Шабе, ки борон меборид», «Модари нав»), Ҳ. Имодӣ («Ҷасорат»), Ғ. Ҷӯразода («Рахсеб»), С. Зарафшонфар («Ду овора», «Шоҳасп»), М. Субҳон («Қиссаи лаклаки сафед») ва диг. повести реалистӣ такмил ёфта, ба жанри дӯстдоштаи бачагон мубаддал шуд.

Соҳаи диг. А. б. таълифи асарҳои драматургӣ барои бачагон мебошад («Тошбек ва Гулқурбон», «Дур аз сарҳад»-и М. Миршакар, «Ғори ачинаҳо»-и Гулрухсор, нахустин операҳо барои кӯдакон бо унвонҳои «Хонаи Заргӯшбибӣ», «Ҷингилапо»-и Н. Бақозода) ва ғ. Суруднависӣ барои бачагон хеле равнақ гирифт. Солҳои охир хидмати Ҷ. Ҳошимӣ дар инкишофи шеъри кӯдак чашмрас буда, «Чигилак»-ҳои ӯ дар адабиёти кӯдакони мо сухани нав аст. Нақшу нуфузи тарҷумаи асарҳо барои кӯдакону наврасон аз адабиёти русу адабиёти халқҳои шӯравии собиқ ва олам дар такмил ва инкишофу равнақи А. б.-и тоҷик басо бузург аст. Хусусан асарҳои барои кӯдакон иншонамудаи А. Пушкин, М. Лермонтов, А. Толстой, М. Горкий, В. Маяковский, Н. Островский, К. Чуковский, С. Михалков, С. Маршак, В. Катаев, Н. Носов, А. Барто, А. Алексин ва диг. адибони ҷаҳон ганҷинаи А. б.-и тоҷикро ғанитару пурсарвттар гардонда, дар қувват гирифтани ҷанбаи ҳаётию реалистӣ ва ташаккули сабки хоси ин адабиёт нақши бузург гузоштаанд. Дар айни замон, беҳтарин намунаҳои осори адибони тоҷик ба забони русӣ ва забони халқҳои олам тарҷума ва нашр шуда, ба хазинаи маънавии халқҳои ҷаҳон ворид гардиданд.

Яке аз комёбиҳои бузурги А. б.-и Тоҷикистон ба Дипломи ифтихории байналхалқии ба номи Ҳ. Андерсен соҳиб гаштани шоири бачагони тоҷик Убайд Раҷаб мебошад. Барои бачагон маҷ-ҳои «Чашма», «Гул-гул» ва ғ. чоп мешаванд. Барои қонеъ гардондани завқи зебоипарастии кӯдакон ва наврасон телевизиони «Баҳористон» низ ташкил карда шуд (4. 9. 2006).

Ад.: Мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона, Д., 1967; Саидова М., Садриддин Айнӣ – нависандаи бачагон, Д., 1973; Шермуҳаммадов Б., Назми халқии бачагонаи тоҷик, Д., 1973, Бобокалонова Ҷ., М. Миршакар – шоири бачагон, Д., 1972; ҳамон муалл., Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик, Д., 1975; Тазкираи адабиёти бачагон, ҷ-ҳои 1 – 5, Д., 1979 – 1984; Амонов Р., Адабиёти бачагона. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ. 6, кит. 1, Д., 1982; Ҳошим Р., Осори Айнӣ барои бачагон. Навҷӯ ва навовар, дар кит. Сухан аз устодон ва дӯстон, Д., 1983; Саидов С., Эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ барои бачагон ва наврасон, Д., 1986; Тазкираи адабиёти советӣ барои кӯдакон, ҷ-ҳои 1 – 2, Д., 1988 – 1989; Файзуллоева М., Достон-афсона дар назми бачагонаи тоҷик, 1993; Файзуллоев Н., Чашмаи Файёз, Х., 1999; ҳамон муалл., Назми кӯдакон, Х., 2010; Шеъри атфол дар қарни бист, Х., 2005; Ҳамосаи кӯдакон, Х., 2006; Фольклор и детская поэзия, Х., 2007; Ҳодӣ Муҳаммадӣ, Зуҳра Қойинӣ, Таърихи адабиёти кӯдакони Эрон (иборат аз панҷ ҷилд), Т., 1380 – 1381.

Ю. Акбарзода.

АДАБИЁТИ ДАРБОРӢ, осори адабӣ-бадеӣ, таърихӣ, ки дар муҳити дарбори подшоҳон, ҳокимон, амирон ва диг. офарида шуда, манфиатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳукмрононро ифода мекард. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ин падида аз замонҳои қадим пайдо шуда, роҳи тӯлониеро тай намуда, гоҳе рушду такомул ёфтааст, гоҳе ба сабабҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба инқироз дучор гардидааст. Дар ҳар як дарбори сулолаҳои ҳокимони давр, аз Ҳахоманишиён (ҳукмр. 558 – 330) сар карда то ба ибт. а. 20, замони ҳукмронии Манғитиён дар Бухоро шоирону адибон, таърихнигороне дар дарбор фаъолият намудаанд, ки ҳукмронро васф мекарданд, таърихи давлатдории ӯ, сиёсати дохиливу хориҷиашро дар таърихномаҳо менигоштанд, лашкаркашиҳову футуҳоташро дар шакли осори бадеӣ, достонҳо, таърихномаҳо тасвир менамуданд. Аз осори бадеии (манзуму мансур) дар даврони бостон (пеш аз ислом) дар васфи шоҳон, ҳукмронони давр нигошташуда намунаҳо дастрас нагардидаанд. Аз даврони Ҳахоманишиён чун асари дар васфи ҳукмрони давр – Доро, таърихи ба тахт нишастан ва корномаи зиндагиаш *Катибаи Бесутунро* метавон ном бурд. Аз даврои ҳукмронии Со-

сониён (224 – 651) осори таърихиву динӣ аз қабили «*Корномаи Ардашери Бобакон*», «Оиннома», «Тоҷнома», «Худойнома», «Динкард» ва ғ. то замони мо расидаанд, ки бо фармоиши ҳукмронон, шоҳони он замон навишта шудаанд. Тадвини Авесто, ки дар замони Сосониён анҷом ёфт, як хидмате ба дарбор ва дини зардуштӣ (дар он замон дини давлатӣ буд) ба шумор меравад.

Қадимтарин намунаи асари А. д. дар адабиёти классикии форс-тоҷик (асрҳои миёна) қасидаи шоири а. 9 Муҳаммад Васиф аст, ки ба мадҳи лашкаркаш Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ бахшида буд. Авҷи рушди А. д. ба замони ҳукмронии Сомониён рост меояд. Адибони дарбор Абулаббоси Рабанҷанӣ, Маъруфи Балхӣ, Мунҷики Тирмизӣ ва диг. бо сарварии Рӯдакӣ ғояи давлати миллии мутамаркази муқтадир, ҷудонопазирии кишвар, муҳофизати онро талқин намудаанд. Аксар қасидаҳои Рӯдакӣ дар мадҳу ситоиши подшоҳону амирон, шоҳзодагону вазирон ва диг. гуфта шудаанд. Мас., дар қасидаи «Модари май» Рӯдакӣ Абуҷаъфар Аҳмад ибни Аҳмад ном ҳукмронро чун ҳокими одили ботадбир, ҷавонмарди инсондӯст, ҷанговари далери чобуксавор ва сафшикану ватанпарвар тасвир намудааст. Дар асл, воқеият баъзе мамдӯҳон ин хусусиятҳоро доро набуданд, вале шоирону адибон дар симои онҳо ҳамин гуна ашхосро дидан мехостанд, яъне симои ормонии ҳукмронро меофариданд. Ин ҷиҳат аз хусусияти некназарии шоирону адибони доираи дарбор далолат мекунад. Вале ин равиши кор, равияи эҷодӣ дар давраҳои баъдина идома наёфтааст ва шоирон, нависандагон, таърихнависони дарбор аз рӯи гуфтаи Унсурулмаолии Кайковус, ки дар «Қобуснома» ба писараш фармуда буд: «Сазои ҳар кас бишнос ва мадҳ чун гӯй, қадри мамдӯҳ бидон. Касеро, ки корде бар миён набаста бошад, магӯй, ки ту ба шамшер шер афканию ба найза кӯҳи Бесутун бардорӣ ва ба тир мӯй шикофӣ. Ва он ки ҳаргиз ба харе нанишаста бошад, аспи ӯро ба Дулдулу Буроқ ва Рахшу Шабдез монанд макун. Бидон, ки ҳар касеро чӣ бояд гуфтан» амал намекарданд. Ин шева аз ибтидои ҳукумати Ғазнавиён оғоз ёфт. Қасидасароёни дарбори Ғазнавиён Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ва баъдан қасидасароён Амъақи Бухорӣ, Анварӣ, Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Рашиди Ватвот, Заҳири Форёбӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ ва диг., ки дар дарбори Қарахониён, Салҷуқиён, Ғуриён, Хоразмшоҳиён, Шервоншоҳиён ва диг. зиндагиву эҷод кардаанд, мадеҳаҳои пуриғроқ, муболиғаомез то ҳади ғулув бо таърифҳои дурӯғ эҷод кардаанд. Дар ин замон адибони дарборӣ аз рӯи дастури «шеър фурӯғ аз дурӯғ мегирад» амал мекарданд. Шоирону адибони маддоҳ, ки аз мамдӯҳон симу зар, хилъату асп, ғулому канизак, замин ва мансаб мегирифтанд, аз молу дороии ба даст овардаашон фахр мекарданд. Инро ҳам онҳо дар баъзе фахрияҳои худ таъкид намудаанд. Дар баробари шоирону адибони маддоҳ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик намояндагоне аз шоирону нависандагони бузург Носири Хусрав (Ман онам, ки дар пои хукон нарезам – Мар ин қиматӣ дурри лафзи дариро), Низомии Ганҷавӣ, Сайфи Фарғонӣ, Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва диг. буданд, ки шоирони маддоҳро мазаммат кардаанд. Ба ақидаи ин гурӯҳи адибон «Суханро зеваре ҷуз ростӣ нест» (Абдурраҳмони Ҷомӣ). Муҳити номусоиди дарбор имконият намедод, ки истедоди шоирону адибони нерӯманд (Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Амъақ, Муиззӣ, Салмони Совачӣ ва диг.) рушду нумӯъ намояд. Қисме аз шоирон дар охири умр аз мадеҳасароӣ даст кашиданд (Кисоии Марвазӣ, Анварӣ, Саноӣ, Хоқонӣ ва диг.) ва ё аз мадҳи гуфтаашон пушаймон шуданд. Мас., Рӯдакӣ яке аз онҳост:

Басе нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.
Нахостам ба таманно, магар ба дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.

Ба дарбор рӯй овардани шоирону нависандагон, аҳли эҷод дар аксар ҳолатҳо аз ночорию нодорӣ, ниёзмандӣ буд. Маҳз дар дарбор ин ашхос метавонистанд ҳақи заҳмат, музди меҳнате пайдо бикунанд ва рӯзгори худро пеш баранд. Аксар адибоне ба мисли Рӯдакӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Навоӣ-Фонӣ, Мушфиқӣ ва диг. муддатҳо дар хидмати дарбор буданд, вале эҷодиёти онҳо аз ғояҳои гуманистӣ ва умумиинсонӣ орӣ нест. Саҳми адибони дарборӣ дар рушди санъати сухан, воситаҳои тасвири бадеӣ ва таҳаввули забони адабӣ арзанда аст.

Ад.: Мирзоев А., Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он, маҷ., «Шарқи Сурх», 1959, № 4; Ҳусейнзода Ш., Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8, Д., 1971; Муллоаҳмадов М., Фаррухии Систонӣ, Д., 1978; Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI, Д., 1979; Афсаҳзод А., Дар сафи бузургон, Д., 1986.

А. Саттӯрзода.

«АДАБИЁТИ ДАҲАНАКӢ», аввалин маҷмӯаест, ки дар он намунаҳои эҷодиёти даҳанакии мардуми тоҷик фароҳам омадааст. Мураттиби он Обид *Исматӣ* мебошад. Соли 1934 ба ҳуруфоти лотинӣ чоп шудааст. Пешгуфтори маҷмӯа «Фолклор чист ва барои чӣ онро мо меомӯзем?» ном дошта, дар он роҷеъ ба моҳияти омӯзиш ва пажӯҳиши фолклори тоҷик сухан рафтааст. Бахши аввали китоб «Адабиёт» ном дорад, ки дар он асосан шеърҳои шоирони халқии Бадахшон, аз ҷумла сурудаҳои шоирон Шофутур, Муҳаммад Сайидзодаи Мағмуми Дарвозӣ, Авлиё Ҳусайни Мағмуми Дарвозӣ сабт шудаанд. Мавзӯи ашъори дар «А. д.» ҷойгирифта мутобиқи талаботи ҳамон давра – васфи Инқилоби Октябр, ифодаи хушиву хурсандӣ аз ташкили мактабҳо, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, ба озодӣ ва баробарҳуқуқӣ расидани занҳо ва ғ. мебошад. Инчунин дар ин бахши китоб шеъру ғазалҳои ошиқона, сурудҳои маросимӣ ва ғ. ҷой гирифтаанд. Дар бахши дуюми «А. д.» «Чистонҳо»-и манзуму мансури гуногунмавзӯъ фароҳам омадаанд. Ҳафт чистони сурудаи Абулқосими Лоҳутӣ дар ин бахш ҷой гирифтаанд. Дар бахши сеюми «А. д.» мураттиб зарбулмасалҳоро ҷой додааст. «А. д.» чун нахустин маҷмӯаи эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик, ки омӯзишаш ох. с-ҳои 20 – ибт. с-ҳои 30 а. 20 оғоз ёфтааст, аҳамияти арзанда дорад.

Р. Раҳмонӣ.

АДАБИЁТИ ДЕТЕКТИ́В (аз лот. detection – фош кардан), яке аз навъҳои адабиёти бадеист, ки воқеаву ҳодисаҳои печ дар печ ва мураккаби хусусияти ҷиноятидоштаро бо ёрии омӯзиш ва санҷишу таҳлили мантиқӣ, психологӣ, зеҳнӣ, илмӣ ва омехта дар шакли бадеӣ мекушояд. Пайдоиши ин навъи адабиёти бадеӣ бо тезутундшавии рақобати қишрҳои гуногуни ҷомеа, бо равнақи шаҳрҳо ва афзоиши ҷиноятҳо, аз як тараф ва пешрафти илми криминалистика, истифодаи усулҳои илмӣ, психологӣ ва таҳлилӣ дар ифшои навъҳои гуногуни ҷиноятҳо бо мадади ходимони политсия ва ё ҷосусони хусусӣ, адвокатҳо, журналистон, аз тарафи дигар, алоқаманд мебошад. Асарҳои нависандаи америкоӣ Эдгар По («Куштор дар кӯчаи Морг», 1841; «Сирри Ма-

рия Роже», 1842 – 43; «Мактуби дуздида», 1844) сароғози А. д. ба шумор мераванд. Баъд аз ӯ адибони англис Уилям Коллинз («Санги пурқимат», 1868; «Магдалинаи нав», 1873), эҷодгари образи умумиҷаҳонии Шерлок Холмс А. Конан-Дойл, Э. Габорио, Э. Уоллес, Г. Честертон, адибони Франсия Э. Габорио, Г. Леру, М. Лейблан, адиби америкоӣ А. К. Грин ва диг. А. д.-ро хеле ривоҷ доданд. Дар Россия асари «Ҷиноят ва ҷазо»-и Ф. М. Достоевскийро муҳаққиқони адабиёт аз беҳтарин детективҳои а-ҳои 19 ва 20 меҳисобанд. Як қисми асарҳои детективӣ дар асоси маводи илмӣ, ҷиноятӣ ва ҳуҷҷатӣ, шаҳодати шоҳидон (О. Фримен, Ф. У. Крофтс), баъзе аз рӯи ҳиссиёту дарки моҳияти масъалаву мавзӯъ ва таъсири психологӣ ба ҷинояткор (Г. К. Честертон, Агата Кристи, Ҷеймс Хедли Чейз ва диг.) эҷод гардидаанд. Дар а. 20 А. д. дар эҷодиёти Э. Уоллес, Э. К. Бентли, Г. К. Бейли, А. Баркли (Англия), С. С. Ван Дайн, Д. Ҳамметт, Э. Куин (ШМА), Н. Марш (Зеландияи Нав) ва махсусан Ҷеймс Хедли Чейз (Англия), ки лақаби «Шоҳи детектив»-ро дорад, Эрл Горднер, М. Стиллейн, Сидней Шелдон, Ҷозеф Димона, Патрик Андерсон, Норманн Люис, Фредерик Форсайт, Ж. Сименон (Франсия) хеле ривоҷу равнақ ёфт. Шерлок Холмс, комиссар Мегре, адвокат Мейсон ва диг. қаҳрамонони маъруфи А. д. мебошанд. Дар А. д.-и ШМА, Франсия, Англия, Италия, Германия, Япония ва диг. кишварҳо бештар қолабҳои якхелаи ҷосусону ҷӯяндагони гунаҳкорон ва ғоратгарону роҳзанон ба мисли Нат Пинкертон, Ник Картер, Рокамбол, ё дузди «маданӣ» Арсен Люпен ва диг. ба вуҷуд омаданд, ки лаҳзаҳои қатли ом, фаҳшу фуҷур, истинтоқу куштор, ваҳшонияту хунрезиро инъикос кардаанд. Қисме аз чунин асарҳо дар а. 20 дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ «романи сиёҳ» ном гирифта буданд, чунки ба ақидаи идеологҳои шӯравӣ гӯё дар хонандагон ҳисси бадбинӣ, бадахлоқӣ, разилӣ, дунёбезориро ривоҷу равнақ медоданд. Дар замони шӯравӣ ба раванди тафтишот танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машғул мешуд ва яке аз сабабҳои рушд наёфтани жанри детектив дар ҳамин буд. Аммо дар кишварҳои Европа ва ШМА дар чунин асарҳо бештар детективҳои хусусӣ, адвокатҳо ғолиб мебаромаданд ва бемасъулиятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро фош мекарданд.

Дар адабиёти олам асосан ду равияи офариниши образи қаҳрамони детективӣ ба миён омадааст: яке услубу образҳои интеллектуалӣ-мантиқӣ, ки дар онҳо ба таҳлил, тафтишу санҷиши илмии ҳодисаҳо дар равиши задухӯрд ва низоъҳои асари бадеӣ диққат дода мешавад, дигаре услуби саргузаштӣ, ки дар он воқеаҳо печ дар печ ва пурмоҷаро инъикос меёбанд. Нависандагони А. д. зимни услуби аввал аз таҳлили мулоҳизаҳои илмӣ, воситаҳои мутафарриқи таҳлилӣ, хулосаҳои назариявӣ, дарки фикру андеша ва психологияи ҷинояткор ва амсоли онҳо васеъ истифода мебаранд. Услуби дуюми асарҳои детективӣ бештар хусусияти моҷаролӣ касб карда, барои фош кардани ҷиноят ба методи таҳлили мантиқӣ, андешамандӣ ва истифода аз воқеа ва таҷрибаҳои зиндагӣ такя менамояд.

Роман – афсонаи М. Шагинян «Месс-Менд» (1924) яке аз аввалин намунаи асарҳои детективии замони шӯравӣ мебошад. Дар инкишофи ин навъ асарҳо адибон-детективнависон П. Усилин, А. Адамов, Ю. Семёнов. Р. Ким, Л. Шейнин, Н. Шпанов, П. Москвин, Н. Панов, В. Кожевников, С. Устинов, бародарон А. ва Г. Вайнерҳо, В. Михайлов ва диг. саҳмгузор буданд.

Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик, насри бадеии классикӣ, насри таърихиву илмӣ ва насри омиёнаи форстоҷик бо намунаҳои А. д. дучор омадан мумкин аст. Дар «Доробнома», «Искандарнома», «Ҳамзанома», «Самаки айёр», «Мухторнома», «Замчинома», «Абумуслимнома» ва ғ. лаҳзаҳои ба А. д. монанд ба назар мерасанд. Мас., дар «Самаки айёр» айёрии Самак ҳам на танҳо аз пайгиру ҷӯяндаи машҳур будани ин қаҳрамон шаҳодат медиҳад, балки гувоҳи баландии ақлу заковати ӯ ҳам мебошад. Қисмҳои ҷудогонаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, баъзе корномаҳои Шукурбек дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғ.-ро сароғози А. д.-и тоҷик гуфтан мумкин аст. Баъдан ин гуна равияҳои тасвири детективӣ дар асарҳои С. Айнӣ «Дохунда» (нақбканӣ дар зиндон ва сабаби боз ба даст афтодани Ёдгор), «Ғуломон» (образи қазоқи пайгир) ва махсусан дар «Ёддоштҳо» моҳирона истифода шудааст. Намунаҳои асарҳои А. д.-и муосири тоҷик повести Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда», баъзе бобҳои романи Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам», повестҳои А. Баҳорӣ, роману ҳикояҳои М. Левин, Н. Тиллоев, драмаҳои М. Холов ва повесту ҳикояҳои нависанда ва рӯзноманигорони тоҷик Ғ. Ҳакимов («Ҳукми бадтар аз марг», 2010) асарҳои Х. Атовулло «Марги журналист», «Хунро ба хун мешӯянд» (2008) ва ғ. шуда метавонанд. Ғ. Ҳакимов бештар фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба риштаи тасвир кашида бошад, қаҳрамони асари Х. Атовулло журналист Ҷамшеди Ҳабиб аст, ки прототипи худи нависанда мебошад.

Ад.: Грамши А., О детективном романе, дар кит. ӯ Избр. произв., т. 3, М., 1959; Томан Н., Что такое детективная литература, дар маҷм. О фантастике и приключениях. О литературе для детей, выпуск 5, Л., 1960, Райнов Б., Черный роман, М., 1975; Модестова Н. А., Комиссар Мегрэ и его автор, Киев, 1973; Адамов А. Г., Мой любимый жанр – детектив, М., 1980.

С. Табаров.

АДАБИЁТИ ДИДАКТИКӢ (аз юн. didaktikos – таълимӣ, насиҳатӣ), анвои (жанрҳои) адабӣ, ки дар онҳо шакли бадеӣ барои ифодаи маводи ғайрибадеӣ (ахлоқӣ, ҳикмати амал, фалсафӣ, динӣ, илмӣ) ба кор бурда мешавад. Сарчашмаи А. д. эҷодиёти шифоҳии халқ (фолклор) ва навъҳои (жанрҳои) фолклор (зарбулмасалу мақолҳо, масалу насиҳатномаҳо, шеъру ҳикоятҳо, ривоятҳо), аз навъҳои (жанрҳои) адабиёти бадеии хаттӣ ҳикояву новеллаҳо, повесту романҳо, маснавиҳо ва ғ. мебошанд, ки дар А. д. ба кор бурда мешаванд. Баъзе муҳаққиқон, мас., файласуфи маъруфи немис Гегел А. д.-ро адабиёти бадеӣ намешуморанд, чунки эҷодкор, шоир, нависанда ва дигарон дар ин гуна асарҳо ба дидактика, ҷиҳати таълимиву тарбиявии асарҳо, панду насиҳат таваҷҷӯҳи бештар менамояд, зебу орои сухан, бадеият, истифода аз санъатҳои бадеӣ ва ғ. ба мадди дуюм мегузаранд. Нахустин осори А. д. насиҳатномаҳои Мисри Қадим (ҳазораи 3 то м.), матнҳои шумерии Эдубе (нимаи авв. ҳазораи 2 то м.) мебошанд. Дар аксар адабиёти қадими Шарқ – Хитой (рисолаҳои Конфутсий, асари «Лунюй», достони фалсафии Лаотсзи «Дао-дэ-сзин), ҳиндӣ («Шукасаптати», «Панчатантра», «Хитопадеша») ва ғ. осори дидактикӣ офарида шудаанд. Дар кишварҳои Европа А. д. дар адабиёти атиқа – Юнону Рими Қадим (достони Вергилий андар бузургдошти замин «Георгики», достони Лукретсий «Андар табиати ашё», рисолаи Горатсий «Илми шеър», «Моралиа» ва «Насиҳатҳои сиёсӣ»-и Плутарх, «Меҳнат ва рӯзгор»-и Ҳесиод ва ғ.) пайдо шуда, баъдан дар адабиёти асрҳои миёнаи Европа, дар эҷодиёти Эразми Ротердамӣ, Ларошфуко, Лю-

тер, Лафонтен, Ричардсон, Лессинг, Буало («Санъати шеър»), Гёте («Метаморфозаи рустаниҳо») ва диг. идома ёфтааст. Дар адабиёти қадими пешазисломии форс-тоҷик баъзе пораҳои Авесто, бахши «Готҳо»-и мутааллиқ ба Зардушт, андарзномаҳои адабиёти паҳлавӣ «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Андарзи Хусрави Қубодон», «Андарзи кӯдакон», «Пандномаи Анушервон» ва ғ.), дар адабиёти асрҳои миёнаи форс-тоҷик унсурҳои дидактика дар эҷодиёти даҳанакии халқ, осори насри омиёна «Самаки айёр», «Абумуслимнома», «Доробнома», «Қаҳрамоннома», «Замчинома» ва ғ. ба назар мерасанд. Дар осори манзуму мансури адабиёти классикии форс-тоҷик, ки дар навъҳои гуногун эҷод шудаанд, мас., осори Рӯдакӣ, Саноӣ, Аттор, Абдуллоҳи Ансорӣ, достонҳои Носири Хусрав «Рӯшноинома», «Саодатнома», достонҳои Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Убайди Зоконӣ («Муш ва Гурба»), «Гулистон»-и Саъдӣ ва асарҳое, ки дар пайравии он навишта шудаанд, Абдурраҳмони Ҷомӣ (махсусан бахшҳои насиҳат ба фарзанд), Ҷалолуддини Румӣ ва диг. унсурҳои А. д. ҷой доранд. А. д. ба воситаи осори насри классики форс-тоҷик «Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Калила ва Димна» (таҳрирҳои гуногунаш), «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ ва Қодирӣ, «Бадоеъул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Наводирул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Дастур-ул-мулук»-и Самандархоҷаи Насафӣ ва ғ. бештар рушд кардааст. Дар эҷодиёти насли дуюми маорифпарварони тоҷик Ачзӣ, Беҳбудӣ, Айнӣ, Фитрат, Мирзо Сироҷ ва диг. низ майли эҷоди порчаҳои дидактикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Намунаҳои дидактикӣ дар адабиёти тоҷики а. 20 дар осори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Фитрат, А. Мунзим ва адибони солҳои минбаъда ба назар мерасанд.

Ад.: Никитина В. Б. ва диг., Литература древнего Востока, М., 1962. *С. Табаров.*

АДАБИЁТИ ИЛМИИ БАДЕӢ, як навъи махсуси адабиёт, ки дар он аз илму пажӯҳишҳо, гуногунадешиҳои илмӣ, тақдири кашшофон – донишмандон сухан меравад. А. аз ҷиҳати мундариҷаву мазмун, услуби эҷод дар доираи адабиёти бадеӣ, ҳуҷҷатӣ-публитсистӣ ва илмии оммавӣ қарор дорад, бо ин навъҳои адабиёт алоқаманд аст, дорои ҷиҳатҳои ахлоқӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, зебоишиносӣ, ороста ба воситаҳои тасвири бадеӣ ва ғ. мебошад. Нависандаи А. ба воситаи тахайюлу тафаккури бадеӣ ин ё он лаҳзаи воқеиро, ки асоси он санадҳои илмӣ аст, мавриди таҳлили бадеӣ қарор медиҳад. Андешаи бадеии хешро бар асоси маводи илмӣ дар қолабӣ бадеӣ баён менамояд. Истилоҳи А. дар а. 20 пайдо шуда, ба адабиётшиносии тоҷик бо таъсири адабиёти рус ворид гардидааст, вале асарҳои дар ин навъи адабиёт эҷодшуда дар *Адабиёти атиқа* (Юнон ва Рими Қадим), адабиёти Европа («Метаморфозаи растаниҳо»-и И. В. Гёте), адабиёти русу собиқ шӯравӣ ба назар мерасанд. Дар адабиёти асрҳои миёнаи форс-тоҷик низ нишонаву аломатҳои А.-ро дарёфтан мумкин аст. Дар адабиёти муосири тоҷик асарҳои дар навъи таърихӣ эҷодшуда, аз ҷумла «Восеъ» ва «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода, «Ситорае дар тирашаб», «Парвози Шоҳин»-и Р. Ҳодизода, «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз»-и Ӯ. Кӯҳзод, «Ҷон ба гарав»-и Ш. Ҳаниф, «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон, «Девори Хуросон»-и М. Солеҳ ва ғ.-ро метавон ба навъи А. шомил сохт.

Ад.: Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо, ч. 1, Д., 1980; Мусулмониён Р., Назарияи адабиёт, Д., 1990; Шарифов Х., Назарияи наср, Д., 2004. *Р. Раҳмонӣ.*

АДАБИЁТИ ИЛМӢ, маҷмӯи асарҳои хаттӣ, ки дар натиҷаи тадқиқот, хулосаи назариявӣ дар доираи усули илмӣ эҷод шудаанд. А. и. бо мадраку бурҳони қотеъ асоснок гардида, аз образҳои бадеию тахайюлӣ орӣ мебошад. Навобаста аз соҳаи мушаххаси дониш мавзӯву мундариҷаи А. и. худи илм – ғояҳо ва далелҳо, қонунҳо ва мақулаҳо, кашфиёту ихтирои олимон аст. Аз рӯи аҳамияти иҷтимоӣ ва муҳиммият дар ҷомеа А. и. на танҳо маҳсулот, балки олати меҳнати фикрӣ, шакли ҳисобот ва арсаи мусобиқоти ғояҳо, воситаи татбиқи дастовардҳои илм дар амалия мебошад. А. и. решаи қадимӣ дорад. Мас., асари «Ал-Маҷастӣ»-и донишманди Юнони Қадим Батлимус намунаи беҳтарин аз замони бостон буда, дар асрҳои миёна ба осори донишмандон, хоса табиатшиносону риёзидонҳо таъсири бузург расондааст ва ҳоло ҳам аҳамияти илмиро молик аст. Дар марҳалаи аввал А. и. дар навъҳои рисола, муколама, мулоҳиза, насиҳату ҳидоят, сафарнома, тарҷумаи ҳол ва ҳатто жанрҳои назмӣ (достонҳо, қасидаҳо) нигошта шудаанд. Дар таърихи илми ниёкони тоҷикон «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино, «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Ал-ҷабр вал-муқобала»-и Муҳаммад Мусои Хоразмӣ, «Китоб сувар ул-кавокиб ас-собита»-и Абдураҳмони Суфӣ ва садҳо номгӯй А. и.-ро метавон ном бурд, ки на танҳо дар пешрафти илми замонашон, балки дар рушди минбаъдаи соҳаҳои махсуси илм нақши муҳим бозидаанд. Тадриҷан шаклҳои нав – монография, мақола, маърӯза, шарҳу тафсир, тезис, тақриз, ахбор, ҳисобот оид ба корҳои илмӣ -тадқиқотӣ, реферат, автореферат, диссертатсия ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Услуби А. и.-и муосир бо айният ва баёни қатъии мантиқӣ, равшанӣ ва дақиқии забони адабӣ ва истифодаи истилоҳҳо, рамзу аломатҳо, формулаҳо, ҷадвалу нақшаҳо, тарҳу ангора ва ғ. аз диг. навъҳои адабиёт фарқ мекунад. Барои А. и. тамоюл ба услуби ягона, ҳамшаклии композитсионӣ (мақсад, бунёди таҷрибавӣ, натиҷаи ҳосилкарда ва баҳогузорӣ ба он, фарзия барои оянда) хос мебошад. Яке аз талаботи асосӣ дар нашри А. и. тақризнависии ҳатмӣ ба маводи пешниҳодшуда аст. А. и. дар шакли рисолаҳои номзадӣ ва илмӣ дар шӯроҳои илмӣ дифоъ карда шуда, дар Комиссияи олии аттестатсионии (ВАК)-и Федератсияи Россия тасдиқ мегарданд. Дар АИ ҶТ комиссияи махсуси аттестатсионӣ мавҷуд аст, ки ҳимояи рисолаҳои илмиро дар АИ ҶТ ва баъзе донишгоҳҳои Тоҷикистон назорат мекунад. Рушди илму техника дар а. 20 ва авв. а. 21 дар раванди илмии кишварҳои олам ва сохтори А и. тағйирот ба вуҷуд оварда. Нашри маҷаллаҳои илмӣ, бюллетенҳо, маҷмӯаи тезисҳою мақолаҳо, монографияҳои академикӣ дар фарҳангистонҳо, донишгоҳҳо заминаи А. и.-ро ташкил дод. Ба воситаи маҷаллаҳо, бюллетенҳо, маҷмӯаҳои илмӣ ва диг. воситаҳо нашри А. и. дар тамоми кишварҳои дунё зиёд шуда, натиҷаҳои корҳои илмӣ дар амал татбиқ мегарданд. Барои пешниҳоди натиҷаи корҳои илмӣ шаклҳои нави истифодаи натиҷаи корҳои илмӣ ба монанди «депонирование» (мустанад) кардани асарҳои илмӣ ҷорӣ шуд, ки аз ин тариқ асар дар ин ё он маркази иттилооти илмӣ нигоҳ дошта мешавад ва муассиса дар бораи он асари илмӣ маълумот ба табъ мерасонад. Ҳар як соҳаи илм барои омӯзиш ва пажӯҳиши муҳаққиқон натиҷаҳои илмии худро ҳамчун А. и. дар дастурҳо ва иттилоъномаҳои соҳавӣ ба нашр

мерасонад. Дар муассисаи Маркази иттилооти патентӣ-илмии ҶТ корҳои илмии олимони ҶТ маҳфуз аст. Натиҷаи рушди илмӣ-техникии ҶТ ҳар сол дар маркази мазкур таҳлил гардида, дар маҷмӯае чоп мешавад. То соли 2009 се қисм аз ин маҷмӯа ба табъ расид. А. и. дар АИ ҶИ, донишгоҳҳо ва диг. муассисаҳои илмӣ ба воситаи маҷаллаҳои илмӣ, рисолаҳои илмӣ, маҷмӯаҳои мақолаҳо, нашри тезисҳо барои истифода пешкаш мешавад. Солҳои 2005 – 10 аз тарафи кормандони илмии АИ ҶТ беш аз 4400 асар, аз ҷумла 546 монография, маҷмӯа, брошюра, 3523 мақола, 285 асари А. и.-и кишварҳои хориҷӣ чоп шудааст. Нашри А. и. дар шаклҳои куллиёт (мас., «Куллиёти фолклори тоҷик», куллиёти С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ ва диг.), осори бисёрҷилда (Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Таърихи халқи тоҷик» – ба забони русӣ), маҷмӯи осор ва китобу монографияҳои соҳавӣ (фалсафа, математика, физика, химия ва ғ.) ба нашр мерасанд. Яке аз манбаъҳои асосии чоп намудани А. и. маҷаллаҳо ва нашриётҳои илмии махсуси академӣ ба монанди нашриёти «Дониш», «Ахбори АИ ҶТ», «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва ғ. мебошанд. Барои рушди А. и. дар баробари нашрияҳои илмӣ воситаҳои техникии электронӣ (Интернет) бо ворид гардидан ба китобхонаҳои гуногуни дунё заминаҳои мусоид фароҳам оварда истодааст.

Ад.: Научно-технический потенциал Республики Таджикистан (Аналитический сборник), вып. 3, Д., 2009; Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти илмиву ташкилии раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз сентябри соли 2005 то сентябри соли 2010, Д, 2010. *Р. Раҳмонӣ, А. Комилӣ.*

АДАБИЁТИ ИЛМИИ ОММАВӢ, як навъ осори адабӣ-бадеист, ки дар он аз илму кашфиёти илмӣ дар соҳаҳои улуми табиӣ, иҷтимоӣ ва ғ. сухан меравад. Ин қабил асарҳо бо забони содаву ба фаҳми хонандаи одӣ наздик навишта мешаванд. Мас., имрӯз агар пажӯҳиши илмӣ дар шакли диссертатсия ва монографияи илмӣ барои доираи маҳдуди хонандагон, аҳли илм пешниҳод гардад, ҳамон мавзӯъ ва пажӯҳишро худи муаллиф ё ягон нависанда, адиб метавонад барои оммаи васеи хонандагон навишта, пешниҳод бикунад. Дар А. инчунин асарҳо оид ба татбиқи кашфиёти илмӣ дар истеҳсолот, рушди тадқиқоти илмӣ, хусусияти иҷтимоӣ пайдо кардани илм сухан меравад. Дар адабиёти ҷаҳон, аз давраи атиқа (адабиёти Юнону Рими Қадим), адабиёти Шарқ ва Европа (дар асрҳои миёна ва то имрӯз – ибт. а. 21), осоре ба сабку тарзи нигориши А. ба вуҷуд омадаанд. Дар адабиёти форс-тоҷик аз замони қадим (пеш аз ислом) ва дар асрҳои миёна (адабиёти классикии форс-тоҷик) А. вуҷуд дошт. Ба қатори ин навъ осор «Донишнома»-и Ҳаким Майсарӣ (оид ба тиб), «Шуморнома»-и Айюби Табарӣ, «Донишнома»-и Ибни Сино, «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, «Нисоб-ус-сибиён»-и Абунасри Фароҳӣ, «Мифтоҳ-ул-ҳисоб»-и Ғиёсуддини Кошӣ ва ғ.-ро дохил метавон кард. Дар адабиёти муосири тоҷик таълифи осори А. аз эҷодиёти С. Айнӣ оғоз ёфтааст. С. Айнӣ силсилаи мақолаҳо, асарҳои публитсистӣ, илмии ба фаҳми омма наздик оид ба таърихи адабиёту маданияти тоҷик, намояндагони номвари он таълиф кард. Намунаҳои осори А. инчунин рисолаҳои С. Улуғзода «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980), Раҳим Ҳошим, «Сухан аз устодон ва дӯстон» (1971), «Ҳайкали назм» (1965) (дар бораи Абдурраҳмони Ҷомӣ), «Сино» (1975), «Абурайҳони Берунӣ» (1980), А. Афсаҳзод «Ҳофизнома» (1971), «Ифтихори Шарқ» (1983) (дар бораи М. Турсунзода), А. Турсон «Инсон, атом, кайҳон» (1967), «Банди фалак» (1976), «Қирони Саъд» (1986), «Эҳёи Ачам» (1984), А. Абдуллоев «Адиб Собири Тирмизӣ. Очерки илмию бадеӣ» (1987), «Абулқосими Фирдавсӣ. Очерки илмию бадеӣ» ба шумор мераванд. Дар фолклоршиносии тоҷик чопи матнҳо ба тарзи илмӣ ва илмии оммавӣ вуҷуд дорад. Мас., маҷмӯаҳо бо номи «Куллиёти фолклори тоҷик» чопи илмианд, китобҳои «Фолклори тоҷик» (1957), «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон» (1960), «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1963), «Фолклори Норак» (1963), «Афсонаҳои Самарқанд» (1966), «Фолклори диёри Восеъ» (1990) ва ғ. чопи илмии оммавӣ ба шумор мераванд. Китобҳо ва маҷаллаҳое, ки аз ҷониби ҷамъияти «Дониш» нашр мешаванд (дар давраи мавҷудияти ИҶШС шумораашон бисёр буд; мас., маҷ. «Уфуқҳои илм»), осори А. мебошанд. Дар Тоҷикистон инчунин маҷ. илмии оммавии «Илм ва ҳаёт» чоп мешавад. Дар собиқ ИҶШС маҷ. умумииттифоқии «Наука и жизнь» («Илм ва ҳаёт») нашр мешуд ва дар тамоми қаламрави ИҶШС паҳн мегардид. Инчунин ба қатори нашрияҳои А. силсилакитобҳоро дохил метавон кард, ки ба забони русӣ бо номи «Жизнь замечательных людей» («Зиндагии одамони наҷиб») ба табъ мерасиданд ва дар тамоми ҷумҳуриҳои ИҶШС паҳн карда мешуданд. Дар ин силсила дар бораи Ҷалолуддини Румӣ (асари Р. Фиш, 1972), Умари Хайём асарҳо ба табъ расидаанд. Дар қомуснигории собиқ ИҶШС ва Россияи имрӯза нашри донишномаҳои илмӣ, соҳавӣ вуҷуд дошт ва идома дорад. Дар баробари донишномаҳои илмӣ, донишномаҳои барои кӯдакон, наврасон, талабагони мактабҳои миёна ва донишҷӯён таъйингардида аз қабили «Детская энциклопедия» (12 ҷилд. М., 1964 – 69), «Что такое? Кто такой?», кит. 1 – 2, М., 1968), «Энциклопедический словарь юного литературоведа», «Энциклопедический словарь юного филолога» ва ғ. ба табъ расидаанд. *Р. Раҳмонӣ.*

АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ (лот. classicas – мумтоз, аввалиндараҷа), адабиёти асили гузашта, ки ба он мавзӯву мазмунҳои инсондӯстӣ, ғояҳои нек ва ҳунари баланд хос аст. Намояндагони А. к. анъанаҳои асили саромадонро давом дода, дар шакл ва мундариҷаи асарашон навовариҳо кардаанд, ки навӣ ва бозёфтҳои эҷодии онҳо боиси ривоҷи минбаъдаи адабиёти асил гардидааст. Эҷодиёти адиби классик на танҳо дар адабиёти миллӣ мавқеъ меёбад, инчунин ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ низ дохил мешавад. Дар замони мо ҳам адибонеро, ки дар пешрафти адабиёти миллии худ саҳми намоён гузошта, ба адабиёти миллатҳои диг. таъсири бобаракат мерасонанд, классик меноманд. Аз ҷумла адибони машҳури собиқ шӯравӣ М. Горкий, В. Маяковский, А. Твардовский, М. Шолохов, М. Авезов, адибони тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода ҳамчун классикони адабиёти муосир шинохта шудаанд. А. к.-и форс-тоҷик аз а. 10 ибтидо гирифта, то а. 20 давом кардааст. Асосгузори он Рӯдакист. Он ба ду даврai калон тақсим мешавад: даврai якум – адабиёти а-ҳои 10 – 15-ро дар бар гирифта, ба замони тараққии ҷамъияти феодалӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон рост меояд. Адабиёти даврai таназзули феодализм (а-ҳои 16 – 19) даврai дуюмро ташкил медиҳад. Адабиёти а-ҳои 10 – 15 (адабиёти форс-тоҷик), ки мероси муштараки тоҷикон ва форсҳо (эрониён) аст, аз аввалҳои а. 19 диққати шарқшиносони Ғарбро ба худ ҷалб карда, адабиёти асрҳои баъдина танҳо аз охирҳои а. 19 мавриди назари мураттибони баъзе аз фехрастҳо

қарор гирифт. Сабаби асосии рӯй додани ин ҳолат, аз як тараф, барои муҳаққиқони хориҷӣ дастрас набудани мероси адабии давраи охир бошад, аз тарафи дигар, дар тасаввуроти беасоси онҳо нисбат ба адабиёти форсизабони ин асрҳост. Ба ақидаи онҳо А. к.-и форс-тоҷик бо Абдурраҳмони Ҷомӣ поён ёфта, гӯё адабиёти баъдина фақат аз тақлид ва такрори мероси адабии гузаштагон иборат мебошад. Тадқиқоти шарқшиносони шӯравӣ, махсусан адабиётшиносони тоҷик на танҳо нодурустии назарияи онҳоро дар бораи адабиёти ин асрҳо ошкор намуд, балки ба исбот расонд, ки адабиёти а-ҳои 16 – 19-и тоҷик давоми мантиқии адабиёти а-ҳои 10 – 15 ва дорои ҷиҳатҳои хос мебошад. Дар А. к. муҳимтарин лаҳзаҳои таърихи халқамон: бунёди нахустин давлати марказии тоҷикон – давлати *Сомониён* дар а. 10, ба давлатҳои хурду калон ҷудо шудани Осиёи Миёна (а-ҳои 11 – 12), муборизаи озодихоҳонаи мардуми тоҷик бар зидди истилогарони муғул (а-ҳои 13 – 14), авҷи нави ҳаёти иҷтимоӣ ва маданӣ дар а. 15, даврае таназзули феодалӣ, ба миён омадани унсурҳои муносибати сармоядорӣ ва ғояҳои маорифпарварӣ дар ин сарзамин акс гардида, дар беҳтарин намунаҳои он симои дурахшони аҷдоди бузург ва номвари халқ, ки дар роҳи мудофиа ва беҳбудии мамлакат ҷонбозиҳо кардаанд, тасвир ёфтааст. А. к. ҳамчун зуҳуроти тафаккури бадеии халқи заҳматкаш дар роҳи дунистани орзуву омоли наҷибонаи мардум сарчашмаи бебаҳост. Тарғиби илму дониш, васфи ақлу хирад, ахлоқи ҳамида, ишқи пок, ватанпарварӣ, ғояи шоҳи одилу маърифатдӯст, таваҷҷӯҳ ба мардумони меҳнатӣ – ҳунармандону деҳқонон, озодфикрӣ ва маорифпарварӣ аз мавзӯъ, мазмун ва ғояҳои асосии А. к.-и форс-тоҷик ба шумор меравад. А. к.-и форс-тоҷик аз ҷумлаи сарватмандтарин адабиёти ҷаҳон буда, осори бузургтарин намояндагони он Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва диг. шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Эҷодиёти онҳо мавриди таваҷҷӯҳ ва истифодаи адибони забардасте мисли Лафонтен, Гёте, Ҳейне, Гегел, Чернишевский, Пушкин, Фет, Есенин қарор гирифта бошад ҳам, танҳо дар даврае баъдӣ ба таври пурра дастраси хонандагон гардид. А. к. яке аз сарчашмаҳои асосии рушди ҷомеаи муосир мебошад. Шоиру нависандагони муосири тоҷик аз асарҳои саромадони адабиёти форсии тоҷикӣ ва миллатҳои дигари дунё, ки аз қуллаҳои баландтарини адабиёти ҷаҳонӣ мебошанд, дарси маҳорати адабӣ мегиранд.

А. Саттӯрзода.

АДАБИЁТИ КОСМОГРАФӢ, як намуди махсуси адабиёти илмии оммавист, ки ибтидои асрҳои миёна ба вуҷуд омадааст. А. к. бо истилоҳи «аҷоибот» низ маълум буда, дар он бештар тасаввуроти ибтидоии инсон дар бораи оламу одам ва рӯйдодҳои аҷоиби табиат инъикос гардидааст. Дар А. к., тибқи ақидаи муаллифонаш, бояд зуҳуроти тамоми воқеаҳои табиат дар алоқаи диалектикӣ бо кайҳон (макрокосм) ва инсон (микрокосм) ба таври илмию бадеӣ тасвир мешуд. Аввалин намунаи чунин асар ба қалами шоири форс-тоҷик Абулмуайиди Балхӣ тааллуқ дорад. Асари ӯ «Аҷоиб-ул-булдон» ном дошта, баъзе порчаҳояш имрӯз боқист. Асари дигар «Китоб-ул-аҷоиб»-и Ибни Фақеҳ мебошад, ки то ҳол дастрас нашудааст. Дар адабиёти араб Ибни Русто (а. 9) ва Ҷоҳиз (ваф. 869) чунин асарҳо навиштаанд. Дар А. к. тасвири сирф илмии сатҳи замин ва олами набототу ҳайвонот мушоҳида намешавад. А. к., баробари маълумоти адабиёти таърихию ҷуғрофӣ ва этнографӣ, ситорашиносӣ (илми нуҷум), табиатшиносӣ ва тибби амалиро, ки ба таҷрибаи олимони давраҳои гуногуни Шарқ ва сарчашмаҳои ҳиндию юнонӣ ва эронию арабӣ асос ёфтаанд, дар бар мегирад. Илова бар ин дар А. к. аксар мавридҳо аҷоиботи баҳру бар ба ривояту мушоҳидоти норавшан асос ёфта бошанд ҳам, руйдодҳо асоси воқеӣ низ доранд. Маълумоти таърихию хуҷҷатӣ дар А. к. бо афсонаю ривоятҳои халқӣ омехта шудаанд. Асарҳои космографӣ, маъмулан, бо харитаҳои географии шаҳру манзараҳои табиат, тасвири қасру қалъаҳо, бутхонаҳо, инчунин бо минётураҳое, ки дар онҳо акси одамон, ҳайвонот ва растаниҳо кашида шудаанд, зинат меёфтаанд. А. к. аз рӯи мазмуну мундариҷа ба асарҳои ҷуғрофӣ («Аҷоиб-ул-арз», «Аҷоиб-ул-баҳр», «Аҷоиб-ул-Ҳинд»), биологӣ («Аҷоиб-ул-ҳайвонот»), дидактикӣ («Аҷоибнома», «Аҷоиб-ул-ҳикоёт»), динӣ («Аҷоиб-ут-таҷвид», «Аҷоиб-ул-қисас»), умумӣ (аз қабили «Аҷоиб-ул махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот») ва ғ. тақсим мешавад. Ин адабиёт дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба вуҷуд омада, тараққӣ кард ва баъд дар миёнаи а. 12, хусусан дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна машҳур гардид. Баъдтар асарҳои космографӣ аз форсӣ ба забонҳои туркӣ, арманӣ, гурҷӣ, забонҳои қадими славянӣ тарҷума шуданд. Дар а-ҳои 13 – 14 А. к.-и Шарқ дар Европаи Ғарбӣ низ муқаллидон пайдо кард. Осори онҳо бо истилоҳи лотинӣ «mirabilia» («аҷоибот») маъруф гардид. А. к. дар а. 19 мавқеи худро гум кард.

АДАБИЁТИ МЕТОДӢ, маводи раҳнамунсози таълимӣ. Аз рӯи аҳамият ва истифода ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад: А. м.-е, ки роҳ, усул, тарзу тариқ ва воситаҳои таълими фанҳои алоҳидаро фаро мегиранд. Аз онҳо бештар муаллимону мушовирон истифода мебаранд. А. м.-е, ки барои хонандагон, падару модарон ва диг. шахсон пешниҳод мешаванд. А. м.-е, ки барои омӯзиш, таҳлилу тадқиқ, инчунин муназзам сохтани корҳои илмӣ офарида мешаванд. А. м.-е, ки ба худомӯзӣ, худинкишофу худривоҷдиҳӣ мусоидат менамоянд. А. м. алоҳида, дар таркиби китобҳои дарсӣ, барномаҳо, маҷмӯаҳо, дар шакли мақола ба табъ мерасанд.

М. Лутфуллоев.

АДАБИЁТИ ОМИЁНА, осори бадеиест, ки барои қонеъ кардани орзуву ормонҳои бадеиву зебоипарастонаи мардуми одӣ офарида шудааст. А. о. дар адабиётшиносӣ бо истилоҳоти «адабиёти халқӣ», «насри ривоятӣ», «насри омиёна», «достонҳои омиёна» ёд гардидааст. Агарчи ҳар яке аз онҳо баъзе хусусиятҳои ин адабиётро чун падидаи бадеӣ равшан мекунанд, аммо онро ҳамаҷониба фаро гирифта наметавонанд, зеро А. о. аз нигоҳи жанру мавзӯъ ва арзиши иҷтимоии худ аз мӯҳтавои ин истилоҳот басо бештар густурда аст. А. о. ҳанӯз дар рӯзгори пешин, дар давраи ташаккули афкори бадеии мардуми форсизабон оғоз ёфта, сипас дар пайвастагӣ бо раванди умумии адабии форс-тоҷик то ба дарачаи як адабиёти паҳновари махсусе расидааст. Омили бунёдие, ки А. о.-ро падид оварда, орзуву ормонҳои мардуми ранҷбар аз эҷоди бадеъ буд. Он унсурҳое, ки хоси тафаккури бадеиву зебоишиносии мардуми одӣ буданд, бо ҳунари суханпардозӣ дар адабиёти китобӣ кам созгорӣ мекарданд. Чунин шакли суханофаринӣ, ки бо тафаккури бадеиву зебоишиносии омиён созгор бошад, метавонист танҳо дар миёни худи онон пайдо шавад. Барои пайдо шудани чунин адабиёт пешрафти зиндагии шаҳриёнаи а-ҳои 9 – 10 замина гузошт. Пайвандҳои ногусастании гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ барои

падид омадани эҷоди гурӯҳӣ замина фароҳам оварданд. Яке аз чунин шаклҳои эҷодкорӣ бозори *қиссахонӣ* буд. Бозори қиссахонӣ бо фаъолияти достонгузорону достонгӯёни касбӣ, ки низ офаридаи ин муҳит буданд, пайванди ногусастанӣ дошт. Достонгӯён, ки ҳунарвартаринашон дорои мактаби худ буданд, на танҳо худ достонгӯӣ мекарданд, инчунин шогирд мепарвариданд. Достонгузорон аз ганҷинаи бадеиёти забонии мардум фаровон баҳравар мешуданд. Достону ривоятҳо, афсонаву устураҳои бадеишударо, ки дар миёни мардум пароканда буданд, фароҳам меоварданд, банду баст медоданд. Нахустин достонҳои А. о. «Абумуслимнома», «Доробнома», «Искандарнома», «Ҳамзанома», «Қаҳрамонома», «Самаки айёр», «Мухторнома», «Мусайибнома» ва ғ. дар заминаи чунин офаридаҳои забонии мардум падид омадаанд. Дар оғоз достонҳои омиёна дар шакли шифоҳӣ пайдо мешуданд ва барои гуфтор миёни мардум, ки дар раставу бозорҳо гирди ҳам меомаданд, равона шуда буданд. Ҳамчунин дар оғоз достонҳо кӯтоҳу камҳодиса буданд ва мӯҳтавои онҳо дар ёди достонгӯён мемонд. Бо гузашти рӯзгор бозори қиссахонӣ заминаи ростини мубодилаи завқу эҳсосоти бадеиву зебоишиносии шунавандагону болоравии тавоноии гӯяндагон ва яке аз шартҳои муҳими офариниш гардид. Достонгӯён, ки харҷи рӯзгори хешро аз ин бозор меёфтанд, мекӯшиданд гуфторашон дарозтару гиротар бошад, то музди бештар ёбанд. Бо афзудани ҳаводиси достонҳо дар ёд доштани онҳо барои достонгӯён душвор мешуд. Дар ин марҳала ёддоштномае падид омад, ки дар миёни достонгӯён «китобча», «тумор» ном гирифт. Ин ёддоштномаҳо нахустин шакли хаттии достонҳои омиёна буданд. Афзоиши пешаву ҳунарҳои гуногуни иҷтимоии шаҳр чун коғазсозиву саҳҳофиву дабирӣ ва хариду фурӯхти китоб, афзоиши шумораи босаводон, пурзӯр шудани адабиёти хаттӣ ва ғ. сабаби падид омадани матнҳои мукаммалтар, сужетҳои пурмоҷаро гардиданд. Дабирон барои худ ё дигарон аз гуфтори достонгӯён матнҳои пурраи достонҳоро китобат мекарданд. Достонгӯёни босавод худ бо хоҳиши касони ҷудогона матнҳои гуфтори хешро менавиштанд. Аз нусхаҳое, ки ягон-ягон пайдо мешуданд, дигарон нусха мебардоштанд. Дар натиҷа даҳҳо нусхаи ҳар достоне дар миёни мардум интишор меёфт. Аммо матне, ки ба шакли китоб даромада буд, на ҳамеша дар як ниҳод мемонд. Пайдоишу саргузашти ҳама осори А. о., албатта, яксон нест, аммо аз нусхаҳои гуногуни то ба рӯзгори мо расидаи бархе достонҳо пайдост, ки достонгӯёни пешин ривоятҳои оғозиро бо персонажҳои нав ва лаҳзаву пораҳои хурду бузург пур мекарданд, вобаста ба завқу хости шунавандагони рӯзгорони гуногун дар матнҳои пешина дигаргуниҳои гоҳ хурду гоҳ бузург ворид мекарданд. Ин гуна равиши кор на ҳамеша ба фоидаи достонҳо будааст. Бар асари чунин раванд аст, ки матни бештари онҳо то ба пояи содалавҳии мазмуну мундариҷа коста шудаанд.

Ин ду вижагии осори А. о. – пайдоиши онҳо нахуст дар шакли шифоҳӣ ва ноустувории матни навишта низ боиси зуҳури пиндоштҳои гуногун доир ба он гардид. Агар созандагони нахустин феҳристҳои осори илму фарҳанги форс-тоҷик ва адабиётшиносон Ж. Мол, В. А. Жуковский, В. И. Мосалский, В. В. Бартолд, Алиакбари Деҳхудо, Ҳ. Эте, Саид Нафисӣ, А. Ю. Якубовский, Б. Н. Заходер ва диг., ки ҳанӯз бо таърихи А. о. ошноӣ надоштанд, осори чудогонаи онро бе чуну чаро ба адабиёти навишта мансуб дониста бошанд, пас, ҳангоме ки омӯзиши ин адабиёт оғоз ёфт, пиндоштҳои донишмандон дар бораи он ихтилоф пайдо карданд. Яъне, генезиси А. о. барои андешаҳои хилофи ҳам имкон падид меорад. Дар ин бобат се пиндошти хилофи ҳам ба миён омад: фолклор, нимафолклор, адабиёт. Танҳо А. Н. Болдирев А. о.-ро ошкоро «фолклор» номида, барои риояи мантиқ «фолклори монда» гуфтааст. Ю. Е. Боршевский низ ин адабиётро бо фолклор пайваста, «адабиёти фолклорӣ» номидааст, ки ба генезиси он созгорӣ мекунад. Е. М. Мелетинский А. о.-ро «нимафолклор» шиносонда, аммо пиндори хешро шарҳу тавзеҳ надодааст. Бештарини донишмандон, чунончи А. А. Семёнов, И. С. Брагинский, А. А. Гваҳария, Ҳ. Гӯрӯғлӣ, Ю. Салимов, Р. Т. Левковская, нависанда Ҷ. Икромӣ А. о.-ро адабиёти навиштаи хосе медонанд, ки бо пайвандҳои худ ба фолклор аз адабиёти хаттӣ тафовут дорад.

Гармии бозори достонгӯӣ фаъолияти достонгузориро фарохтару гуногунсоҳа кард. Достонгузорон ба рӯйдодҳои тахайюлии афсонавору романтикӣ низ даст мезаданд. Сужетҳои адабиёти пешинаи эроние, ки дар ёдҳо монда буданд, дигарбора зинда гардиданд ва дар А. о. бо даҳҳо достону ҳикоёти хурду бузурги ишқӣ пурра шуданд. Офарандагони А. о. дар рафти фаъолияти худ инчунин аз таҷрибаи иҷтимоии хешу мардум истифода мекарданд. Ҳикоёти омиёна бо гузашти рӯзгор дар маҷмӯаҳои гуногун, ки «Ҷомеъул-ҳикоёт» ном гирифтаанд, фароҳам омаданд. Як силсилаи онҳо дар сохти хоси адабӣ ба ном «ҳикоят андар ҳикоят» ҷой ёфтанд. Адабиётшиносии пешин (асрҳои миёна) осори А. о.-ро чун асари адабӣ напазируфта буд, тазкираҳо дар ин хусус хомӯш мондаанд. Ин ниҳоди кор ба адабиётшиносии нав низ асар кардааст, аз ин рӯ, навъу шаклҳои жанрии он тасниф нашудаанд. Дар худи осори А. о. танҳо ду истилоҳи таснифӣ – «достон» ва «ҳикоят» роиҷанд. Гоҳо дар баробари «достон» муродифи арабии он – «қисса» низ ба кор рафтааст.

Шакли нахусти жанрӣ достонеро шояд донист, ки ба истилоҳи адабиётшиносии имрӯза хусусияти эпопеӣ дорад. Чунин достонҳо бештари маврид пиромуни падидаи таърихӣ ё достонӣ баҳс мекунанд ва рӯзгори дарозу рӯйдодҳои фаровон, наслҳои бисёри персонажҳоро фаро мегиранд. Достонҳои эпопеӣ ҳаҷман аз ҳазор то даҳ ҳазор сафҳаанд. Ба ин гурӯҳ достонҳои размиву таърихиву саргузаштӣ, ба монанди «Шоҳнома», «Самаки айёр», «Абумуслимнома», «Доробнома»-и Абутоҳири Тарсусӣ, «Доробнома»-и Муҳаммади Беғамӣ, «Искандарнома», «Румузи Ҳамза», «Қаҳрамоннома», «Мусайибнома», «Мухторнома», «Ҳафдаҳ ғазои Шоҳи мардон Алӣ», «Ҷамшеднома», «Ховарнома», «Замчинома», «Ҳанафинома», «Зуфунуннома» ва ғ. дохиланд. Дувумин шакли жанрии достонҳои омиёна, ки аз лиҳози ҳаҷм миёнаву хурданд, аз осори ишқии романтикӣ фароҳам омадаанд. Осори ин шакли жанрӣ рӯйдодҳои таърихиро дар бар намегиранд. Бештар онҳо дар заминаи афсонаҳои куҳан ба миён омадаанд ва дар офариданашон аз воситаҳои тасвири бадеӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Машҳуртарин намунаҳои ин шакли жанрӣ «Меҳру Моҳ», «Нушофарини Гавҳарточ», «Сайфулмулуку Бадеъулҷамол». «Шоҳи Шамшербанд», «Шоҳзода Аршаду бародарони ӯ», «Шоҳзодаи Эрону малика Ҷавҳарӣ», «Шоҳзода Муслиму малика Ҳазоргесу», «Зайнуласном», «Шоҳзодаи навчавон», «Малика Сабзқабои тундхӯи парӣ»,

«Баҳрому Гуландом», «Шакариву Муштарӣ» ва ғ. мебошанд.

Сеюмин шакли жанрии достонҳои омиёна «ҳикоят андар ҳикоят» аст. Ин шакл бо ахлоқу маънавиёти ҷомеаи инсонӣ пайванди устувор дорад, аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин соҳаҳои А. о. аст. Он сустии пайванд бо зиндагии иҷтимоии мардум, ки хоси достонҳои ду шакли нахуст аст, дар осори ин шакли жанрӣ нест шудааст. Сабаби ин ҳолро шояд дар пайванди бештари ин шакли жанрӣ бо адабиёти паҳлавӣ, инчунин бо адабиёти Ҳинд ҷуст, чунки ин шакл дар он адабиётҳо вазифаи пандомӯзиро анҷом медод. Равияи пандомӯзӣ хоси «Панчатантра»-и ҳиндӣ, сипас «Калилаву Димна» ва «Синдбоднома»-и форс-тоҷик буда, дар намунаҳои шакли жанрии «ҳикоят андар ҳикоят» таъсири фаровон гузоштааст. Гузашта аз ин, сарчашмаи чанде аз осори он, чун «Бахтиёрнома», «Ҳафт вазир», адабиёти пеш аз ислом мебошад. Дар пайравии онҳо инчунин «Шерзоду Гулшод» ё «Нӯҳ манзар», «Ҳафт манзари Баҳроми Гӯр» низ сохта шудаанд. Асарҳои хурду калоне чун «Ҳотамнома», «Чаҳор дарвеш», «Одилхону се дарвеш», «Шайх Санъон», «Ҳикояти духтари подшоҳ ва як марди пиру се марди ҷавон» ва ғ. низ дар ин шакл офарида шудаанд.

Ба таври куллӣ, А. о. офаридаи омиён буд ва дардҳои онҳоро дармон мекард. Вале осори он дар муҳити омиён маҳдуд намонда буд. Достонҳои омиёна дар пеши шоҳону вазирону рӯҳониён хондаву гуфта мешуданд. Гузашта аз ин, дар дарбори подшоҳон қиссахонҳо хидмат мекарданд, то ҷое, ки бархе достонҳо дар дарбор падид омадаанд. Дар ривоятҳои туркии «Абумуслимнома» омадааст, ки дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ достонгӯён Абутоҳири Тарсусӣ, Абубакри Розӣ, Абумасиди Совӣ, Ҳошими Сарахсӣ, Сайиди Димишқӣ, Ҳумоми Исфаҳонӣ, Шарифи Бағдодӣ қиссагӯйӣ мекарданд. Амир Насруллоҳхон дар дарбори худ қиссахоне бо номи Эрназари Хук дошт. Подшоҳи Ҳиндустон Ҷалолуддин Акбар (ҳукмр. 1556 – 1605) фармуда буд, ки достони «Румузи Ҳамза»-ро ба беҳтарин хат бинвисанд ва ба беҳтарин минётураҳо биёроянд. Ба фармони ӯ Абдуннабии Фахруззамонӣ (муаллифи тазкираи «Майхона» ва қиссахони номдор) дар одоби қиссахонӣ, бавижа «Румузи Ҳамза», «Дастур-ул-фусаҳо» ном китобе навишта буд. Ҳабибуллоҳ ном маллоҳе барои султони Туркия Муродхон ибни Салимхон (ҳукмр. 1574 – 99) достони пурошӯби «Самаки айёр»-ро ба туркӣ гардонд. Деҳдор ном қиссахоне дар назди вазири номвару шоир Алишери Навой ҳунари худро дар хондани «Абумуслимнома»-ву «Румузи Ҳамза» намоиш дода буд.

А. о. бо адабиёти хаттӣ (таълифии) форс-тоҷик пайванди устувор дошт. Доду гирифти дуҷониба миёни онҳо ҳамешагӣ буд. А. о. чандин асари адабиёти китобиро бо таҳрири хос ба доираи худ кашида аз сужету воситаҳои бадеии он истифода мекард. Адабиёти китобӣ низ аз осори омиёна, бавижа аз ҳикоёти он, пайваста кор мегирифт. Намунаи чунин асарҳо «Ҳафт кишвар»-и Фахрии Ҳиравӣ, «Маҳбубул-қулуб»-и Бархурдори Фароҳӣ ва ғ. мебошанд. Дар ин асарҳо андешаву ангораи нависандагон бо ҳикоёти фаровони омиёна устувор гардидааст.

Ад.: Салимов Ю., Насри ривоятии форсу тоҷик, Д., 1971; Муҳаммад Ҷаъфар Маҳҷуб, Достонҳои омиёнаи форсӣ, маҷ. «Сухан», давраҳои 10, 11, 12; Мутоилиа дар достонҳои омиёнаи форсӣ, маҷ. Донишкадаи адабиёт, соли даҳум, шумораи 1 – 2; Борщевский Ю, Е., Персидская народная литература, дар кит. Плутовка из Багдада, М., 1963; Винстедт Р., Путешествие через полмиллиона страниц, М., 1966; Дорри Дж., «Амир Арслан» и его место среди иранских народных дастанов, дар кит. Теоретические проблемы восточных литератур, М., 1966; Гвахария А. А., Грузинские версии персидских народных дастанов, дар кит. Теоретические проблемы восточных литератур, М., 1966; Сухочев А. А., От дастана к роману, М., 1971; Чиллаев К., Народный дастан «Абу-Муслим-наме», Д., 1985.

Қ. Чиллаев.

«АДАБИЁТИ СОВЕТӢ», маҷаллаи адабии мусаввари яҳудиёни тоҷикзабони Осиёи Марказӣ, нашрияи Кумитаи халқии маориф (Наркомпрос) ва ИН Ӯзбекистон. Солҳои 1931 – 41 дар Тошканд ба забони тоҷикӣ ба табъ мерасид. Дар ҳайати таҳририяи он М. Аминов, Анқабой, Ю. Кӯраев (муҳаррир), М. Бачаев шомил буданд. Дар маҷалла оид ба дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва навигариҳои фарҳангиву адабӣ мақолаҳо дарҷ мегардиданд. Маҷалла дорои саҳифаҳои назм, наср, танқиди адабӣ, библиография буд. Дар саҳифаҳои маҷалла намунаҳо аз эҷодиёти адибони маъруф С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. С. Пушкин, А. П. Чехов, А. М. Горкий, В. Маяковский ва диг. ба табъ мерасиданд. Нигоштаҳои навқаламон, махсусан, аъзои маҳфили адабии «Маърифат» (роҳбар С. Айнӣ) дар саҳифаҳои «А. с.» чоп мешуданд. Оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти нависандаи франсавӣ Э. Золя маълумот дода шуда, як ҳикояаш чоп шудааст. Дар «А. с.» (1941, № 5) хабари муфассал оид ба Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (апр. 1941), истиқболи хуши тамошобинон, операҳои «Коваи оҳангар», «Шӯриши Восеъ», драмаҳои «Отелло»-и Шекспир ва «Калтакдорони сурх»-и С. Улуғзода чоп шуда буд.

П. Гулмуродзода.

АДАБИЁТИ ТАСАВВУФ, маҷмӯи осори адабӣ ба назму наср, ки дар онҳо андеша ва таълимоти намояндагони тасаввуф ва ирфон ифода ёфта ва тарғиб шудааст. Тасаввуф ҷараёни мазҳабию фалсафӣ ва мафкуравиест, ки асоси онро худошиносӣ, камолоти маънавии инсон ва роҳҳои расидан ба ҳақиқат ташкил мекунад. Тасаввуф дар ибтидо ба сифати як падидаи иҷтимоӣ, яъне чун эътирози иддае аз муслимин зуҳур кард ва сипас ба ҷараёни хоси динию фалсафӣ мубаддал гашт. Баъд аз вафоти Пайғамбари акрам (с) дар сарзамини Арабистон, ки маҳди ислом аст, ҳарақу марақи зиёде ба амал омад. Мардуми араб, ки то ин замон дар шакли ҷомеаи авлодӣ мезистанд, ҳар гурӯҳе мехост, то намояндаи авлоди онҳо халифа таъйин гардад. Дар баробари ин, интишори дин идома дошт ва барои паҳн кардани дини Ислом дар кишварҳои дуру наздик ғазавот эълон шуда буд, ки аз ин ҷангҳо ғанимати зиёде ҳам ба даст меомад. Махсусан, дар давраи хилофати Умавиён байни муслимин ду тамоили мухталиф дида мешуд: дунёдориву ҳирс ба сарвату макнат аз тарафе ва майл ба зӯҳду тақво ва порсоии шадид ва пайравӣ аз равиши Пайғамбар (с) аз тарафи дигар. Аз ин миён гурӯҳе ба шакли эътироз аз хулафои вақт гӯшанишинӣ ихтиёр карданд ва тадричан ин амали онҳо ба оини хоси гурӯҳи зоҳидон табдил ёфт. Зоҳидон либоси пашмина пӯшида, ба ибодату риёзат ва сабру қаноат машғул шуданд, тарки дунё ва лаззатҳои онро талқин мекарданд, зеро маънии зӯҳд тарки дунё ва бахраҳои онро дорад. Касеро, ки барои расидан ба лаззати охират аз лаззати дунё эъроз мекунад, зоҳид мегӯянд. Ҳамин пашминапӯшии зоҳидон боис гашт, то онҳоро суфӣ гӯянд. Аввалин касе, ки бо исми «суфӣ» мавсум шуд, Абуҳошими Кӯфӣ буд. Хулласа, дар байни мусулмонон сабаби пайдоиши тасаввуф зӯҳд ва хавф аз Худо буд, ки омилҳои иҷтимоӣ низ дар амри пайдоиши ин ҷараён муассир буданд. Дар а. 8 суфизане ба исми Робиаи Адавияи Басрӣ масъалаи муҳаббатро бар зӯҳди сӯфиён афзуд

ва онро асоси тариқати тасаввуф қарор дод. Ҳамин муҳаббат аст, ки баъдтар ба ишқи илоҳӣ дар ирфон ва тасаввуф маъруф шуд. Дар а. 9 Зуннуни Мисрӣ масъалаи маърифати Ҳақро ба миён гузошт, ки тасаввуфро як тариқаи амалӣ ба мактаби фикрию фалсафӣ таҳаввул дод. Дар ҳамин давра Боязиди Бистомию Мансури Ҳаллоҷ истилоҳоти фаною бақоро ба кор бурданд, ки ин заминаи таълимоти ваҳдати вуҷуд мебошад.Таълимоти ваҳдати вуҷуд дар а. 13 аз ҷониби Ибни Арабӣ аз ҷиҳати назарӣ такмил дода шуд ва орифони бисёри баъдинаро таҳти таъсир гузошт. Тадриҷан аҳли тасаввуф ва ирфон ба таълифу тасниф рӯ оварданд ва ба шарҳ додани мабонию мақомоти тасаввуф ва ирфон шурӯъ карданд. Дар ибтидо таълифи кутуби суфия ба забони арабӣ сурат гирифт ва дар а. 10 чанд асар ба ин забон навишта шуд, аз қабили «ал-Ламаъ фӣ-т-тасаввуф»-и Абунасри Сарроҷи Тусӣ, «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ, «ат-Таъарруф ли мазҳаб ит-тасаввуф»-и Абубакр ибни Абуисҳоқи Бухорӣ, «Табақот-ус-суфия»-и Абуабдурраҳмони Сулламӣ. Ба забони форсии тоҷикӣ низ аз а. 10 сар карда китобҳои назарӣ оид ба тасаввуф навишта шудаанд: «Шарҳи Таъарруф»-и Абуиброҳим Мустамиллии Бухорӣ (а. 10), «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ (тарҷумаи мурид ва шогирди ӯ Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ), «Нур-ул-улум»-и Абулҳасани Харақонӣ (а. 11) ва ғ. Чун тасаввуф ва ирфон ҷанбаи назарӣ касб кард, барои суфиён зарурати сухан гуфтан ва изҳори афкору ақоид ва ваҷду ҳол падид омад. Аҳли тасаввуф барои баёни таҷрибаҳои ботинӣ ва тарғиби орои худ ба шеъру шоирӣ пардохтанд. Азбаски шеър, тасаввуф ва ирфон дар бисёр маврид ҷиҳатҳои муштарак доранд ва дар ҳар ду ҳам эҳсос ва завқ мавҷуд аст, барои суфиён беҳтарин василаи баёни таҷрибаҳои рӯҳонӣ ва ҳолоту авотиф шеър буд. Аз а. 9 ашъоре ба забони арабӣ аз Робиаи Адавия, Боязиду Ҳаллоҷ боқӣ мондаанд. Абунасри Сарроҷи Тусӣ дар китоби «ал-Ламаъ фи-т-тасаввуф» номи 20 нафар суфӣ, аз қабили Яҳё Маози Розӣ, Иброҳими Хаввос, Ҷунайди Бағдодӣ, Абубакри Шиблӣ ва диг-ро зикр карда, 197 байт шеър аз онҳо иқтибос овардааст, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд. Аҳли тасаввуфи Хуросону Мовароуннаҳр низ тадриҷан ба шеъру шоирӣ пардохтанд ва замони вуруди аҳли тасаввуф ба адабиёти бадеӣ а. 10 аст. Қадимтарин шеърҳои суфиёна ба забони форсии тоҷикӣ ба а. 10 мансубанд. Дар сарчашмаҳои адабию ирфонӣ, аз ҷумла «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар, «Тамҳидот» ва «Номаҳо»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ порчаҳои алоҳидаи шеърӣ дар қолаби рубоӣ ва ғазал аз Абулқосим Бишри Ёсин, Юсуфи Омирӣ, Абузари Бузҷонӣ, Абуалии Даққоқ, Воизи Сарахсӣ оварда шудаанд, ки дар а. 10 зистаанд. Дар а. 11 интишори шеър дар ҳалқаҳои суфиён ба ривоҷи хонақоҳҳо ва хондани шеър дар маҳфилҳои суфиён вобастагии калон дорад. Дар шаҳрҳои хурду бузурги Хуросону Мовароуннаҳр хонақоҳҳо таъсис ёфтанд, ки маҳали таҷаммӯъ ва таълиму иршоди аҳли тасаввуф буданд. Аввалин касе, ки дар маҳфилҳои суфиён хондани шеърро ҷорӣ кард, Абусаиди Абулхайр буд. Абусаиди Абулхайр дар маҳфилҳову маҷлисҳои худ дар баробари ашъораш аз шеърҳои шоирони гузашта ва ҳамзамони худ, аз ҷумла абёти муршидаш Абулқосим Бишри Ёсин истифода мекардааст. Бино ба таъкиди Муҳаммад ибни Мунаввар (набераи Шайх ва муаллифи китоби «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абусаид») худи Шайх мункири ҳирфаи шоирии худ будааст ва тибқи ривояти ин сарчашма ашъори Абусаид аз як рубоӣ ва як фард байт иборат аст. Ба ин ориф як миқдор шеър нисбат дода шудааст, ки асосан дар қолаби рубоӣ суруда шудаанд ва донишманди эронӣ Саид Нафисӣ маҷмӯаи ашъореро бо номи «Суханони манзуми Абусаиди Абулхайр» (Т., 1334 ҳ. ш. – 1956 м.) ба чоп расондааст. Абдуллоҳи Ансорӣ низ илова бар рисолаҳои суфиёна ашъори пароканда дар қолаби ғазалу рубоӣ сурудааст. Баёни ҳақоиқи ирфон ва сӯзу гудози ишқи ҳақиқӣ дар осори мансур ва ашъори ӯ нишондиҳандаи дониши амиқ ва таҷрибаи бойи ӯ дар шеъру ирфон аст. Бештари ашъори Ансорӣ чун Наҷмиддини Розӣ (Доя) дар миёни осори насрӣ ва рисолаҳояш оварда шудаанд. Дар а. 11 ягона шоири мутасаввиф, ки аз худ девони ғазалиёт боқӣ гузоштааст, зиндагӣ ва эҷод намудааст, Бобо Кӯҳии Шерозӣ мебошад. Дар девони шоир бо ғазалҳое вомехӯрем, ки бисёр содаву равон ва дар марҳалаи ибтидоии шеъри суфия қарор доранд ва ба услуби шуарои суфии давр Абдуллоҳи Ансорӣ, Бишри Ёсин, Абусаиди Абулхайр ва ҳатто Абузари Бузҷонӣ наздиканд. Дар а. 11, дар баробари назм, насри тасаввуфӣ низ хеле ривоҷ ёфт ва дар радифи таълифоти назарии суфиёна осори адабии зиёде навишта шуд («Табақот-ус-суфия», «Манозил-ус-соирин», рисолаҳои «Канз-ус-соликин», «Қаландарнома», «Муҳаббатнома», «Дилу ҷон», «Воридот», «Ҳафт ҳисор», «Мақулот», «Илоҳинома»-и Абдуллоҳи Ансорӣ; «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Лубоб-ул-эҳё», «Китоб-уз-захират фӣ илм-ал-басират», «Баҳр-ул-ҳақиқат»-и Шайх Абулфатҳ ибни Аҳмад, «Яздоншинохт», «Рисолаи ҷамолӣ», «Тамҳидот» ва «Номаҳо»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, «Одоб-ус-суфия», «Рисолат-ут-тайр» ва «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ва ғ. Дар ин осор ҳам баёни усулҳои тасаввуф аст, ҳам ҳикоёти бузургони суфия ва ҳам таҷрибаҳои ирфонӣ. Абдуллоҳи Ансорӣ бо таълифи «Табақот-ус-суфия» бунёди маноқибномаҳои тасаввуфиро ба забони форсӣ гузошт. Ин асари Ансорӣ тарҷумаи «Табақот-ус-суфия»-и Абуабдурраҳмони Сулламӣ мебошад, ки ба лаҳҷаи ҳиравӣ навишта шуда, тадриҷан дар натиҷаи тасарруфоти котибону адибон ба забони адабии форсии дарӣ хеле наздик карда шудааст. Ин асар маъхази «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Асри 12 дар таърихи А. т. марҳилаи бисёр муҳим аст. Дар ин аср суфияи Хуросону Мовароуннаҳр беш аз пеш ба шеъру шоирӣ рӯ оварданд. Муҳаққиқон ин давраро чун замони ривочи шеъри суфиёна эътироф кардаанд. Интишори шеъри суфия дар ин аҳд ба ҳадде буд, ки на танҳо пайравони ирфон ва тасаввуф, ҳатто шоирони ғайрисуфӣ низ ба сурудани шеъри суфиёна майлу рағбат пайдо карданд. Яке аз бузургтарин шоирони а. 12 Саноӣ мебошад, ки чун бунёдгузори шеъри ирфонӣ эътироф гардидааст. Агарчи пеш аз Саноӣ ашъори суфиёна эҷод шуда бошад ҳам, ӯ аввалин шоирест, ки истилоҳот ва таъбироти ирфониро дар шеър ҷорӣ кард. Дар радифи калимоту таъбироти ашъори ошиқона – чашму абрӯ, зулфу холу хат, руху лаб, ки дар шеъри Саноӣ ҳомили маонии ирфонӣ гаштанд, инчунин ӯ дар ғазалиёти қаландарӣ ва зӯҳдиёташ истилоҳоти хосе чун харобот, маю майхона, зуннору буту тарсо, қаллош ва ғ-ро ба кор бурдааст, ки минбаъд дар шеъри суфия васеъ истифода шудаанд. Хидмати Саноӣ дар таҳаввули

шеъри ирфонӣ, бахусус дар таҳаввули ғазал ва маснавӣ хеле бузург аст. Дар ғазалиёти шоир маъшуқа мақоми арҷманду воло меёбад, дараҷаи улуҳият пайдо мекунад ва ифодаи ранҷу азоби ошиқ, сӯзу гудоз ва фироқу ҷафои ёр сухани ӯро беш аз дигарон муассир ва дилнишин сохтааст. Саноӣ бо ворид намудани мазмунҳои ирфонӣ, оҳангҳои зоҳидонаю қаландарӣ мундариҷаи ғазалро бой гардонида, дар ҷараёни минбаъдаи ғазалсароӣ ҳам ба шуарои ориф (Аттор, Ҷалолуддини Румӣ), ҳам ба шоирони ғайриориф (Анварӣ, Хоқонӣ, Саъдӣ, Хоҷуи Кирмонӣ ва диг.) таъсири азиме расондааст. Аҳли тасаввуф ва ирфон барои баёни асосҳои таълимоти суфия ба эҷоди маснавӣ пардохтанд, зеро паҳновартарин ва густурдатарин майдони таҷаллии афкори ирфонӣ ҳамоно маснавӣ аст, ки ҳамаи матолиби ирфонӣ ва суфиёнаро дар худ меғунҷонад. Маснавии таълимии суфия бо «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ оғоз меёбад. Шоир дар даҳ боб масоили муҳимми динӣ, ирфонӣ ва ахлоқиро баррасӣ намудааст. Ин маснавӣ муҳаррики Ҷалолуддини Румӣ дар эҷоди «Маснавии маънавӣ» будааст. Боб ва фаслҳои алоҳидаи асар ба масъалаҳои тасаввуф ва зӯҳд, ихлосу шавқ, ризою таслим, зикру сукр, қаноату фақр ва ғ. бахшида шудаанд. Дар боби аҳли тасаввуф мегӯяд:

Ҳар гадое, ки бинӣ аз кам кам,
Подшоҳест бо хаюлу алам.
Ҳама дурдикашон, вале безарф,
Ҳама муқрӣ, вале на савту на ҳарф.
Чун сари ишқи он чаҳон доранд,
Ҳамчу шамъанд, сар зи ҷон доранд…

Аз «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ сар карда, дар манзумаҳои таълимии суфия шарҳу баёни масоили ирфонӣ бо ҳикоёту тамсилот расм шуд ва ин кор дар манзумаҳои Аттору Ҷалолуддини Румӣ ба авҷи аъло расид. Баъд аз Саноӣ шоири дигари арҷманди мутасаввиф Аттор мебошад, ки дар ривоҷи ашъори суфия нақши бисёр муҳим дорад. Аттор дар анвои гуногуни шеър, аз қабили қасида, ғазал, маснавӣ, тарҷеъбанд ва рубоӣ мазмунҳои ирфониро ворид намуда, дар паҳнои шеъри ирфонӣ уфуқи тозае кушодааст. Махсусан, дар таҳаввули ғазал ва маснавиҳои ирфонӣ мақоми арзанда дорад. Шоир дар такомули шаклу мундариҷаи ғазал низ саҳм гузоштааст. Ғазалиёти ӯ назар ба ғазалҳои Саноӣ лутфу завқи бештаре дошта, шоир дар онҳо ҳам мавзӯоти одию маъмулӣ (ғазали ошиқона), ҳам зӯҳду ирфон ва ҳам қаландариётро матраҳ кардааст. Дар ғазалиёти ирфонию қаландарии Аттор рамз фаровон ба кор рафтааст. Агарчи Саноӣ пеш аз Аттор забони ғазалро аз луғоту истилоҳоти рамзӣ бой намудааст, маҳз ба тавассути Аттор ва ғазалиёти ӯ рамзиёти ирфонӣ ривоҷи тоза ёфтаанд. Чунончи:

Тарсобачае ногаҳ қасди дилу ҷонам кард,
Савдои сари зулфаш расвои ҷаҳонам кард.
З-ӯ ҳар кӣ нишон дорад, дил бар сари он дорад,
Тарсобача он дорад, девона аз онам кард.
Дӯш он бути шангона май дод ба паймона
В-аз Каъба ба бутхона занҷиркашонам кард.

Шоир бо касби таҷрибаи бойи ирфонию адабӣ луғоту маонии наве ба рамзҳои мутадовил дар шеъри суфия шомил сохт, ки минбаъд мавриди истифодаи васеи шуарои мутасаввиф қарор гирифтанд. Бетардид Аттор бояд яке аз бунёдгузорон ва мураввиҷони рамзиёти ирфонӣ шинохт. Дар ҳамин давра дар шеъри суфия поэтикаи хосе бо рамзиёту истилоҳоти ирфонӣ ба вуҷуд омад, ки қисмате аз ин рамзиёту истилоҳот марбут ба вожаҳои маъмул дар шеъри ошиқона буда, қисмати дигар бо илҳом аз шатҳиёти суфиёна марбут ба шеъри қаландарӣ мебошанд. Дар таҳаввули рубоии ирфонӣ низ Аттор нақши муҳим дорад. Вай маҷмӯаи рубоиёти худро бо номи «Мухторнома» мураттаб намудааст, ки баъд аз маҷмӯаи рубоиёти Абусаиди Абулхайр комилтарин маҷмӯаи рубоиёти ирфонӣ аст. Ин маҷмӯа аз 3000 рубоӣ иборат аст. Баъд аз Саноӣ маснавии таълимии суфия ба воситаи Аттор ривоҷи тозае ёфт. Вай маснавиҳои «Илоҳинома», «Асрорнома», «Мусибатнома» ва «Мантиқ-ут-тайр»-ро дар мавзӯъҳои гуногуни ирфонӣ навишта, дар онҳо мабонии тасаввуф ва ирфонро шарҳу тавзеҳ додааст. Аз миёни ин маснавиҳои ирфонии дилангез аз ҳама муҳимтар ва шеботар «Мантиқ-ут-тайр» аст. Дар ин маснавӣ шоир марҳилаҳои сулук ва душвориҳои онро баён намудааст, ки мурғон (соликон) бо матонату садоқат марҳилаҳои мушкилро тай намуда, ба мақсуди худ мерасанд. Шоир дар асараш тайи ҳафт водии душвор, ки ишора аст ба ҳафт марҳила аз марҳилаҳои сулук (яъне талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фақру фано)-ро нишон додааст. Аз шоирони дигари суфимашраб дар а. 12 Аҳмади Ҷом мулаққаб ба Жандапил мебошад. Эҷодиёти ин шоир, ки дар баробари диг. осори манзуму мансур шомили девони ғазалиёт аст, дар таҳаввули ғазал, хусусан, ғазалиёти ирфонӣ таъсири азим доштааст. Дар а. 12 насри суфиёна ба ривоҷи назаррасе ноил шудааст. Дар осори мансури ин давра ҳам мавзӯъҳо ва масоили назариву амалии тасаввуф ва ирфон дарҷ ёфтаанд. Бузургтарин асари насрии ин давра «Тазкират-ул-авлиё» мебошад, ки дар заминаи «Табақот-ус-суфия»-и Ансорӣ ва маъхазҳои дигари тасаввуфӣ дар шарҳи аҳвол ва суханони 96 нафар шайхони суфия таълиф шудааст. Осори дигари насрии ин давра «Рисола фи-с-сулук», «Рисолат-ут-тариқ», «Ҳидоят-ут-толибин», «Одоб-ул-муридин», «Сакинат -ус-солеҳин», «Вусул илаллоҳ»-и Наҷмуддини Кубро, рисолаи «Сафар»-и Маҷдуддини Бағдодӣ, «Маориф»-и Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайни Хатибии Балхӣ, «Авориф-ул-маориф»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ мебошанд. Асри 13 давраи авҷи тасаввуф ва А. т. ба шумор меравад. Дар ин аср бо зуҳури Ҷалолуддини Румӣ шеъри суфиёна ба қуллаи таҳаввулу такомул расид. «Девони кабир» ё «Куллиёти Шамси Табрезӣ» ва «Маснавии маънавӣ»-и ӯ аз беҳтарин ва бузургтарин шоҳкориҳои шеъри ирфонӣ мебошанд. Ғазалиёти шӯрангези ӯ бар асари самоъ ва ваҷд суруда шуда, дорои оҳанги хосанд, баёни ишқу ҳақиқати ирфонро фаро гирифтаанд. Қисмате чун қаландариёти Аттор ҳовии истилоҳоту рамзиёти хоси ирфонӣ мебошанд:

Эй оташи оташнишон, ин хонаро
вайрона кун
В-ин ақли ман бистон зи ман, бозам зи
сар девона кун.
Бишкан дари хумхонаро, бистон сабук
паймонаро,
Барҳам зан ин афсонаро, зӯҳди маро
афсона кун.
Соқӣ, биёр он ҷомро, бистон зи ман
оромро,
Бигзор ин исломро, рав, Каъбаро
бутхона кун.
Эй ошиқи ошиқ, бирав, ҷонро ба ҷоме
кун гарав,
З-он ҷоми Ҷам рамзе шунав, сар
дар сари паймона кун.

«Маснавии маънавӣ» авҷи маснавиҳои таълимии ирфонӣ, ҷомеътарин маснавии суфиёнаест, ки метавон онро доиратулмаорифи тасаввуф ва ирфон ҳисобид. Ин асар ҳам ба назариёти ирфонӣ ва ҳам ба ақоиди динӣ ихтисос дорад, ки бешак тафсири комиле аз назарияву амалияи тасаввуф ва ақоиди динӣ мебошад. Дар «Маснавии маънавӣ» мавзӯе рочеъ ба калом, ирфон, андешаҳои фалсафӣ ва ичтимоӣ нест, ки Ҷалолуддини Румӣ ба он напардохта бошад. Шоири ди-

гари орифи ин давра Фахруддини Ироқӣ мебошад, ки пайрави мактаби ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ буд. Қисмате аз ғазалиёти Ироқӣ ҳовии ғояҳои ваҳдати вуҷуд аст. Маснавии «Ушшоқнома»-и ӯ дар мавзӯи ирфон мебошад. Ашъори Саъдии Шерозӣ низ аз мазмунҳои ирфонӣ холӣ нест ва худи ӯ аз тарбиятёфтагони Шаҳобуддини Суҳравардист. Аз шоирони ин давра Бобо Афзали Кошонӣ бо рубоиёти орифонаи худ шӯҳрати баланд дорад. Дар а. 13 рамзиёту истилоҳот ва маонии ирфонӣ дар ғазал чунон бо мафоҳиму маонии шеъри ошиқона даромехт, ки ҷудо намудани шеъри ирфонӣ аз шеъри маъмулии ошиқонаро то андозае душвор кард. Дар ин кор беш аз ҳама нақши Саъди Шерозӣ бузург аст. Ин ҳолат дар ашъори шоирони бузурги асрҳои минбаъда Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ ба назар мерасад. Аз силсилаҳои суфия Суҳравардия, Кубравия ва Чиштия беш аз диг. силсилаҳо интишор ёфта буданд. Дар ин давра осори бисёри насрӣ аз ҷониби аҳли ирфон ва тасаввуф навишта шудааст. («Мирсодул-ибод», «Рисолат-ут-тайр» ва «Рисолат-ул-ишқ»-и Наҷмуддини Розӣ, «Фиҳи мо фиҳи», «Маҷолис-ус-сабъа» ва «Мактиб»-и Ҷалолуддини Румӣ, «Ламаот»-и Фахруддини Ироқӣ ва ғ. Дар а-ҳои 14 – 15 назму насри ирфонӣ ба шарофати Авҳадии Мароғаӣ, Амир Ҳусайнӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Сафиуддини Ардабилӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Имоди Фақеҳ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шоҳ Қосими Анвор, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Шоҳдоии Шерозӣ, Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, Шамсуддин Муҳаммади Лоҳиҷӣ, Сайид Муҳаммади Нурбахш ва диг. ривоҷ ёфт. Дар ин асрҳо силсилаҳои Нақшбандия, Хилватиён, Қодирия, Нурбахшия, Неъматуллоҳия дар Хуросону Мовароуннаҳр, Суҳравардия ва Чиштия дар Ҳиндустон, Мавлавия дар Рум (Туркия) фаъолият доштанд. Дар ривоҷи ғазали ирфонӣ, пеш аз ҳама, нақши Ҳофизи Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шоҳ Қосими Анвор, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ бузург аст. Маснавии ирфониро Маҳмуди Шабистарӣ, Авҳадии Мароғаӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ беш аз диг. ривоҷ бахшидаанд. Махсусан, маснавии «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ дар тавзеҳи масоил ва истилоҳоту рамзиёти ирфонӣ аз имтиёзи хосе бархурдор аст. Ба ин асар чанд шарҳ навишта шудаанд, ки маъруфтарини онҳо «Мафотеҳул-эъҷоз фӣ шарҳи «Гулшани роз»-и Шамсуддин Муҳаммади Лоҳиҷӣ (а. 15) мебошад. Маснавиҳои «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадии Мароғаӣ, «Сисилатуз-заҳаб», «Саломон ва Абсол» ва «Сабҳат-ул-аброр»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар баён ва тавзеҳи масоили ирфонӣ ба шеваи Саноию Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ иншо шудаанд. А. т. ба забонҳои дигари Шарқ низ ба вуҷуд омада, дар Осиёи Марказӣ, Осиёи Сағир, Озарбойҷон, Афғонистон, Ҳиндустон ва диг. минтақаҳо рушд кардааст. Намояндагони А. т. дар адабиёти турк Шайх Аҳмади Ясавӣ маъруф ба Шайх Аҳмади Кабир (ваф. 1166), Лутфӣ (ваф. 1465), Алишери Навоӣ ва Озарбойҷон Насимӣ (1417) ва диг. мебошанд. Ба забони пушту А. т. ба воситаи Боязиди Ансорӣ, Мирзохони Ансорӣ (а. 16 – 17) ва Абдурраҳмон (1632 – 1708) ривоҷ ёфтааст. Намояндагони А. т. ба забони малайӣ – Ҳамза Пансурӣ (а. 16 – 17), Нуруддини Ранирӣ (а. 17), ба забони курдӣ – Аҳмади Ҷазирӣ (а. 15) мебошанд. Инкишофи А. т. дар Ҳиндустон ба интишори ислом дар ин кишвар вобастагӣ дорад. Силсилаҳои тасаввуф, (Чиштия, Қодирия ва Нақшбандия) ба Ҳиндустон аз Осиёи Марказӣ, Эрон ва Ироқ омад. Дар Ҳиндустон силсилаи Суҳравардияи Мултон ба вуҷуд омадаанд. Аз осори намояндагони адабиёти форсизабони Ҳинд роҷеъ ба ирфон ва тасаввуф «Фавоид-ул-фуод»-и Ҳасани Деҳлавӣ ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрави Деҳлавиро метавон ном бурд. Шайх Фариди Шакарганҷ яке аз аввалин шоирони суфӣ буд, ки ба забони панҷобӣ асарҳои тасаввуфӣ навиштааст. Тадриҷан миқдори осори тасаввуфӣ ва тарҷумаи осори суфиён ба забонҳои маҳаллии Ҳиндустон афзуда, адибони ҳинд ба мавзӯъҳои адабиёти суфияи форсӣ рӯҳи маҳаллӣ доданд. А. т. аз а. 16 ба баъд дар пайравӣ ба адабиёти суфиёнаи а. 10 – 15 инкишофи худро идома дод ва дар назму насри форсии точикӣ осори пургановати тасаввуф падид омад.

Ад.: Абдулҳусайни Зарринкӯб, Арзиши мероси суфия, Т., 1373 ҳ. ш.; ҳамон муалл., Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон, Д., 1990.; Бертелс Е. Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф (тарҷ. асари Е. Э. Бертелс «Суфизм и суфийская литература», М., 1965, мутарҷим Сируси Эзидӣ) Т., 1386 ҳ. ш.; Забеҳуллоҳи Сафо, Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ-ҳои 1 – 5, Т., 1381; ҳ. ш.; Карл В. Эрнст, Суфизм, М., 2002; Сайидзиёуддини Саҷҷодӣ, Муқаддимае бар мабонии ирфон ва тасаввуф, Т., 1383 ҳ. ш.; Ҳазратқулов М. Тасаввуф, Д., 1988; Ҳодизода Р., Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик, Д., 1999. *М. Низомов.*

АДАБИЁТИ ТАЪЛИМӢ, маводе, ки ҳамчун манбаъ дар донишандӯзӣ, ҳосил намудани маҳорату малака, худомӯзӣ ва рушди мутаносиби ҷаҳонбинии хонандагон истифода мешавад. А. т. мутобиқи зарурат ва дараҷаи истифода ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) адабиёти таълимии чопӣ: китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо, маълумотномаҳо, луғату донишномаҳо, фарҳангҳо, харитаю глобус, мусаввараҳо, адабиёти илмию оммавӣ, ёддоштҳо; 2) чизҳо ва ашёи табиӣ, маводи истеҳсолӣ. А. т. дар шакли аёнӣ ва воситаҳои техникию электрикӣ пешниҳод мегардад. А. т.-и аёнӣ маводи ёрирасони таълимию тарбиявист, ки дар шакли тасвир ё варақаҳои алоҳида ба табъ мерасанд ва се хел мешаванд: 1) тасвирӣ (харитаҳо, нақшаю ҷадвалҳо, нусхаи асарҳои рассомон, аксҳо); 2) аслӣ (натуралӣ) ё маводи табиӣ; 3) воситаҳои таълимие, ки омӯзгорону хонандагон аз маводи партов месозанд. Воситаҳои техникию электрикии таълим (ВТБТ) ҳамаи он воситаҳое мебошанд, ки омӯзгорону хонандагон дар ҷараёни таълим ва машғулиятҳои берун аз синфу берун аз мактаб истифода мебаранд. Ба ВТБТ инҳо дохил мешаванд:

– диапроекторҳо ва кадропроекторҳо;

– дастгоҳҳои овозӣ (магнитофонҳо, диктофонҳо, қартамонакҳои электромеханикӣ);

– кинофилмҳо, видеофилмҳо, компютерҳо, дискҳо, диапозитивҳо …;

– кабинетҳои лингофонӣ, интернет. *М. Лутфуллоев.*

АДАБИЁТИ ТАЪРИХӢ, як навъи адабиёти асрҳои миёна, ки воқеаҳои таърихиро дар пероя бадеӣ ифода мекунад. Дар ин гуна асарҳо, аз як тараф, тасвир ба андозае ҷамъбаст шуда, аз воқеият дур гардидааст ва шакли бадеиро гирифтааст. Аз тарафи дигар, дар баробари офаридани воқеаҳо қоидаи барқарор кардани ҳодисаҳои таърихӣ низ риоя шуда, дар якҷоягӣ онҳо тасвири воқеиро ба вуҷуд меоваранд. Хусусияти бадеии А. т., пеш аз ҳама, дар тасвири образҳои ашхоси таърихию асотирӣ зоҳир мешавад: подшоҳони таърихию асотирӣ, пайғамбарон аз диг. пешвоёни дину сарони давлат дар шакли идеалӣ, мувофиқи ҷаҳонбинии муайян ва анъанаи таърихӣ тасвир гардидаанд. Ин гуна анъанаҳо бо ҷаҳонбинии замон махлут шуда,

на танҳо рафтори воқеии шахс, балки шакли тасаввурии шахсро ҳам ба вуҷуд меоваранд. Мас. *Рашидуддини Фазлуллоҳ* дар «Ҷомеъ-ут-таворих» Чингизхонро аз ин қиёс тасвир кардааст. Бинобар ин дар китобҳои гуногуни таърихӣ симои шахсони таърихию асотирӣ якрангу якнавохт нест. Дар онҳо шахс асосан аз қиёси некию бадӣ ва муносибат ба дину оин ва ҷаҳонбинии нависанда тасвир мешавад. А. Т. дар инкишофи услуби насри классикии тоҷик ҳам мавқеи намоёне дорад. Китобҳои таърихи даврааи аввал, монанди «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ гарчанде бо услуби насри тарассул (рисоланависӣ) навишта шудаанд, аз ҷиҳати забонӣ душворӣ надоранд. Дар онҳо саҷъ нест ё кам истифода шудааст. Аввалин китобе, ки дар шакли душвори маснӯъ навишта шуд, «Таърихи Яминӣ»-и Утбист. Ин китоб ба забони арабӣ буд, вале ба зудӣ ба форсӣ тарҷума шуда, пайравони зиёде пайдо кард. Атомалики Ҷувайнӣ дар китоби «Таърихи ҷаҳонкушо» ва махсусан муаллифи «Таърихи Вассоф» дар роҳи истифодаи санъат ва саҷъу тарсеъ иқдоми тозае ниҳоданд.

Китобҳои таърихӣ, одатан, ба масъалаҳои таърихи кишвар, ягон маҳаллу вилоят ва ё силсилаи подшоҳон бахшида шудаанд. Муҳимтарин китобҳои таърихӣ «Таърихномаи Табарӣ» мансуб ба Абӯалии Балъамӣ, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, «Зубдат-ут-таворих»-и Абулқосим Абдуллоҳи Кошонӣ, «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» (муаллифаш номаълум), «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, «Таърихи кабир»-и Ҷаъфарии Яздӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир ва ғ. мебошанд. Китобҳои таърихӣ дар бораи шаҳру вилоят ва хонадонҳо ҳам хеле бисёранд. Дар ҷамеи ин китобҳо ба ғайр аз ахбори қиссамонанди таърихӣ асотир, нақлу ривоят, қиссаву достон, амсолу ҳикам ва латифаю зарбулмасалҳои фаровоне оварда шудаанд, ки маҷмӯи онҳо як хазинаи бузурги адабию маънавиро ташкил мекунад. *Х. Шарифов.*

АДАБИЁТИ ФО́РС-ТОҶИ́К, истилоҳи нисбатан нав дар адабиётшиносист, ки бори нахуст аз тарафи С. Айнӣ барои ифодаи мафҳуми адабиёти классикии а-ҳои 10 – 15 истифода шудааст. Агарчанде асоси ин адабиёт дар ватани аслии тоҷикон Мовароуннаҳр гузошта шуда, аввалин осораш ба забони мардуми маҳаллии ин сарзамин – дарӣ ё порсии дарӣ ба вуҷуд омадааст ва шоирони даризабон ин ҷо дар рушди баъдинаи он саҳми намоён гузоштаанд, танҳо ба мардуми эрони имрӯза мансуб дониста мешуд. Шарқшиносон бархилофи ҳақиқати таърихӣ ҳуқуқи тоҷиконро ба мероси мадании гузашта инкор мекарданд. Ба ақидаи барғалати онҳо гӯё адабиёти тоҷик танҳо пас аз а. 16 ибтидо гирифтааст.

Истилоҳи А. ф-т. ангезаи сиёсӣ дошт. Он вақт таъйиноти ҳудудҳои миллӣ дар Осиёи Миёна шурӯъ гардида буд. Дар арафа ва ҷараёни ин маъракаи сарнавиштсоз дар минтақа гурӯҳҳои сиёсӣ ва шахсиятҳое пайдо шуданд, ки мавҷудияти қавми тоҷик ва ҳуқуқи онро ба адабиёти беш аз ҳазорсолааш инкор мекарданд. С. Айнӣ бо таълифи «*Намунаи адабиёти тоҷик*» (1926) исбот намуд, ки дар ин сарзамин аз қадим «як қавми муаззам бо номи тоҷик, ё ин ки тозик» зиндагӣ дошта, адабиёти классикии а-ҳои 10 – 15, ки бо унвони адабиёти форсӣ шӯҳрат ёфтааст, аслан офаридаи тоҷикон аст. Бунёди онро Абуабдуллоҳи Рӯдакии Панҷрӯдӣ гузоштааст ва баъди ӯ низ садҳо адибони барҷаста, мисли Рашидии Самарқандӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Амъақи Бухороӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Сайфи Исфарангӣ, Камоли Хуҷандӣ ва диг. аз ҳамин сарзамин бархоста, барои пешрафти ин адабиёт ҳиссаи арзандае гузоштаанд. Вале аз сабаби он ки дар равнақи адабиёти а-ҳои 10 – 15 тоҷикон, форсҳо (эрониён) ва мардуми форсизабони Афғонистону Ҳиндустон саҳм гузоштаанд, С. Айнӣ ва мураттибону муҳаррирони «*Намунаҳои адабиёти тоҷик*» (1940), ба таври ҳаққонӣ барои адабиёти ин давра истилоҳи А. ф-т.-ро пешниҳод кардаанд. А. ф-т. на танҳо таъкиди муштарак будани адабиёти классикии а-ҳои 10 – 15 барои мардуми тоҷик ва Эрони имрӯза аст, инчунин эътирофи саҳми диг. халқҳои форсизабон (Афғонистон, Ҳиндустон) дар рушди он низ мебошад. Вақте ки баъд аз а. 16 дар натиҷаи ҷудо шудани сарҳадҳои давлатӣ ва шиддат ёфтани низоъҳои мазҳабӣ алоқаҳои маданӣ ва иқтисодии байни Мовароуннаҳру Хуросон ва Форс (Порс) торафт суст гардида, ягонагии сиёсии онҳо аз байн мерафт, ҳаёти маданӣ ва адабӣ дар ин сарзаминҳо тадриҷан истиқлол пайдо карда, ҳамчун шохаи мустақил – ба унвонҳои «адабиёти форсӣ», «адабиёти дарӣ» ва «адабиёти тоҷикӣ» ҷараён гирифт. Адабиёти муосири форсӣ, адабиёти дарӣ ва адабиёти даврони шӯравии тоҷик давоми ҳамин шохаи адабиёт мебошанд. Истилоҳи А. ф.-т. дар адабиётшиносии даврони шӯравӣ зуд мавқеъ пайдо карда буд, вале дар Ғарб маротибаи аввал консепсияи А. ф.-т. дар асари шарқшиноси чех Ян Рипка «Таърихи адабиёти форс-тоҷик» (1963) амалӣ шуд. Азбаски А. ф.-т. ба истиснои даврааи қадим ва марҳалаи оғози ташаккули он дар асрҳои миёна, дигар дар ҳамаи даврааҳои баъдӣ ба забони форсии нав – форсии дарӣ навишта шудааст, онро маъмулан бо номҳои «адабиёти форсӣ» ё «адабиёти форсии дарӣ» ё «адабиёти форсии тоҷикӣ» ё «адабиёти тоҷик» зикр менамоянд. Бинобар ин А. ф.-т.-ро имрӯз бештар «адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» меноманд. *А. Саттӯрзода.*

АДАБИЁТИ ҶАДИДИ́Я, осори адабие, ки аз ҷониби намояндагони ҳаракати ҷадидияи Осиёи Марказӣ дар ибт. а. 20 пайдо шудаанд. Истилоҳи «ҷадид» ба маънои навпараст дар Тоҷикистон ох. а. 19 зуҳур карда, дар Бухоро ва Туркистон дар даврааи Инқилоби якум дар Россия (1905 – 07) ба расмият даромад. Пайравони ин ҷараён ислоҳоти раванди таълимро дар мактабу мадраса тарғиб ва дигаргуниҳоро дар сохти давлатдории аморати Бухоро талаб мекарданд. Онҳо масъалаи кушодани мактаби нав («усули ҷадид»)-ро ба миён гузоштанд. Назарияи навҳоҳию навоварӣ ба адабиёти бадеӣ низ гузашт. С. Айнӣ ибтидои А. ҷ.-и тоҷикро аз с. 1905 донистааст. Пайдоиши А. ҷ. ба Инқилоби якум дар Россия (1905 – 07) ва таъсири он ба бедоршавии шуури халқҳои Осиё алоқаманд аст. Паҳн шудани рӯзномаву маҷаллаҳо бо забони форсиву туркӣ аз диг. кишварҳо, «Тарҷумон»-и Исмоилбеки Ғаспаронӣ (Гаспаринский) аз Боғчасаройи Қрим, «Вақт» ва «Шӯро» аз Қазону Оренбург, «Сироҷ-ул-ахбор» аз Афғонистон, маҷ. «Мулло Насриддин» аз Озарбойҷон ва осори маорифпарварони халқҳои диг. Осиёи Марказӣ ва тарҷумаҳо аз адабиёти русу Ғарб низ ба пайдоиши А. ҷ. таъсир расонданд. Нахустин осори А. ҷ. навиштаҳои Абдурауфи Фитрат «Мунозираи мударриси бухороӣ бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар хусуси макотиби ҷадида» (1910), «Мунозира» ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот», «Оила ё худ Вазоифи хонадорӣ» мебошанд. Асарҳои С. Айнӣ «Таҳзиб-ус-сибён» (Самарқанд, 1909, 1910, 1917), Сиддиқии Аҷзӣ «Ан-

ҷумани арвоҳ», «Миръоти ибрат», «Ганҷинаи ҳикмат», «Айн-ул-адаб», Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» ва диг. ба А. ҷ. тааллуқ доранд. Шеърҳои ҷудогонаи А. ҷ.-и тоҷик дар г-ҳои «Бухорои Шариф», «Наҷот» (1925), маҷал. «Оина», «Самарқанд» ва маҷм. шеърҳои дузабонаи «Янги адабиёт» («Адабиёти нав»; Самарқанд, 1915) нашр шудаанд. Осор ва ашъори А. ҷ. рӯҳи озодихоҳӣ, илму маърифат, бедории мардум ва ислоҳи ҷомеаро васф, ақибмондагию ҷаҳолатро танқид мекард. Асари Исмоилбеки Ғаспаронӣ роҳбари ҷараёни ҷадидияи мусулмонони Россия «Мусулмонони Дорурроҳат» аз ҷониби Фитрат тарҷума карда шуд. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Мунзим, С. Айнӣ, А. Ҳамдӣ, Аҷзӣ, М. Мансуров, Асирӣ, Қозӣ Бобоҷон, А. Фарҳодӣ, Иброҳим, Абдулқодир Шакурӣ, Ҳоҷӣ Муин, М. Ҳоҷиқул, М. Шоҳмаҳмадзода, Иброҳим Сайид, Камолзода, М. Ҳошимов, Ҳомидҷон Меҳрӣ, Ҳоҷӣ Рофеъ, Мукаммал-махдум, Бурҳонзода ва диг. машҳуртарин ҷадидон буданд. Авв. а. 20 намояндагони А. ҷ. ба кишварҳои Европа – Вена, Будапешт, Берлин, Париж, Лондон ва ғ. сафар карда, бо ҳар роҳу восита ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, саноату кишоварзӣ, илму фарҳанг, мактабу маорифи аморати Бухоро дахолат мекарданд. Дар замонҳои собиқ шӯравӣ вобаста ба сиёсати замон ва идеологияи ҳукмрон ба А. ҷ. баҳои манфӣ дода шуд. Солҳои 30 а. 20 бо сабаби ба инқилоб хиёнат кардани баъзе намояндагони ҷадидҳо ва чаправҳо омӯзиши эҷодиёти намояндагони онҳо ва чопи осорашон манъ гардида буд. Пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон ва таҳаввулот дар омӯзишу баррасии А. ҷ. ба вуҷуд омада ва намунаҳои беҳтарини асарҳои намояндагони он таҷдиди назар гардид.

Ад.: Айнӣ С., Намунаи адабиёти тоҷик, М., 1926; Гулмуродзода П., Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон, Д., 2006; Табаров С., Ҷаҳони андешаҳои Фитрат, Д., 2000; Шакурӣ М., Хуросон аст ин ҷо, Д., 2009; Мирзозода Х., Адабиёти ҷадидаи демократӣ, маҷ. «Садои Шарқ», 1967, № 9; Рӯдакӣ. Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон. Вежаномаи ҷунбиши ҷадидия, 2007, № 16. *Х. Мирзозода, П. Гулмуродзода.*

АДАБИЁТИ ЭПИСТОЛЯРӢ (аз юн. epistole – нома, мактуб), осори адабӣ-бадеӣ дар ҷинсу намудҳои гуногун, ки ба шаклу услуби нома ва ё мактуби як кас ва ё тарафайн навишта мешаванд ва онро хонандагон ҳамчун асарҳои бадеӣ, ё публитсистӣ, ё ин ки танқиди адабиву адабиётшиносӣ мутолиа мекунанд. Асарҳои А. э. аз ҷониби арбоби илму фарҳанг, адабиёту санъат, алломаву мутафаккирон, ходимони давлат ва диг. навишта шуда, моҳияти ҳам иҷтимоӣ, тарбиявию ахлоқӣ, эстетикӣ, илмиву назариявӣ ва ҳам умумиилмӣ, умумиҷамъиятӣ ва ҳатто умумибашарӣ пайдо мекунанд. Чунин мактубҳо ва маълумотномаҳо аввалан байни ду муаллиф ва ё гурӯҳи маҳдуди суроғадорон навишта шаванд ҳам, ба сабаби моҳияти умумиҷомеавӣ доштанашон ва қимати умумибашарӣ пайдо карданашон аз он доираҳо берун мебароянд. А. э. дар асоси далелу бурҳон ва маводи таърихӣ, адабӣ ва ҷамъиятии даврони мушаххас ба вуҷуд омадааст. Ба сабаби он ки асари А. э. гоҳо камтар ва гоҳо бештар хусусияти фардиву шахсӣ – субъективӣ дорад, дар он «ман»-и муаллифро возеҳтар ва зиёдтару равшантар дарёб кардан мумкин аст. Бинобар ҳамин аз шаклу услубу забони ҳар як мактубу нома, забону наҳв ва хату навиштаҷоти нависанда, санъаткор, олим ва мутафаккиру арбоби давлат шахсияти муаллифи онро донистан ва муайян кардан мумкин аст. Такя ба ҳуҷҷату далелҳо, ҳақгӯӣ ҳам яке аз талабот ва ҳам яке аз хусусияти А. э. мебошад. Одатан, асарҳои А. э. озодона навишта шуда, гоҳо хусусияти лирикӣ пайдо мекунанд. Дар айни замон ҳар як муаллиф мувофиқи салиқа, табъ ва талаботи сабку услуби хоси худ бо тарзи баён, наҳв, истифодаи захираи луғавии забон аз усулу равияи содатарину осонтарин сар карда то мавҳумтарину мачҳултарин ва мураккабтарину мустаортарин асарҳои номавиашро эҷод менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо номаву мактубҳо пайи ҳам навишта шуда, шакли «романи мукотибавӣ»-ро низ пайдо мекунанд. Дар адабиёти кишварҳои Европа А. э. аз давраи атиқа оғоз ёфтааст. Намояндагони машҳури ин адабиёт дар Юнон ва Рими Қадим Эпикур, Ситсерон, Горатсий, Сенека, Плинийи Хурдӣ буданд. Аз а-ҳои 17 – 18 сар карда дар Европа, махсусан дар Англия, А. э. бо эҷодиёти Б. Паскал («Мактубҳои музофотӣ»), Ф. Честерфилд («Мактубҳо ба писар») ва диг. шакл гирифта, бо романҳои ба тарзи нома эҷодшуда – «Памела», «Кларисса»-и С. Ричардсон, «Ҳамфри Клинкер»-и П. Смолетт, «Юлия, ё ин ки Элоизаи ҷавон»-и Ж. Ж. Руссо, «Ғаму андӯҳи Вертери ҷавон»-и И. В. Гёте ва диг. такомул ёфт. Дар Россия а-ҳои 18 – 20 «Очеркҳо ва ҳуҷҷатҳо»-и И. М. Карамзин, «Номаҳои сайёҳи якум»-и Д. И. Фонвизин, «Мактубҳои фалсафӣ»-и П. Я. Чаадаев, «Мунтахабе аз мукотиба бо дӯстон»-и Н. В. Гогол, «Мактуб ба Гогол»-и В. Г. Белинский, «Мактубҳои А. Блок ба занаш» ва ғ. навишта шудаанд.

Дар адабиёти гузаштаи тоҷик (асрҳои миёна) *нома* ва номанигорӣ, *рукаот* вуҷуд доштанд, вале аз ҷиҳати тарзу услуби эҷод, мазмуну мундариҷа пурра ба А. э. ба мафҳуми европагӣ мувофиқат намекунанд. Дар адабиёти муосири тоҷик баъзан дар дохили осори адабӣ мактуби қаҳрамонон ба назар мерасанд, ки ин нишонае аз А. э. мебошад. Инчунин номаҳо (мактубҳо), ки адибон ба ҳамдигар ирсол менамоянд, мас., мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, мактубҳои ба адибону забоншиносон (П. Толис, Д. Тоҷиев) навиштаи С. Айнӣ, мактубҳое, ки мунаққидон ба адибон менависанд, номаҳое, ки дар саҳифаҳои матбуот ба табъ мерасанд ва ғ. намунае аз А. э. ба шумор мераванд.

Ад.: Античная эпистолография, М., 1967; Елистратова А. А., Эпистолярная проза романтиков, дар кит. Европейский романтизм, М., 1973; Табаров С., Асосҳои назариявии танқиди адабӣ, қисми 3, Д., 1999; Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, Д., 2003; Асозода Х., Кашшофи рози адабиёт, Д., 2004. *С. Табаров.*

АДАБИЁТШИНОСӢ, илмест, ки омилҳои пайдоиши адабиёти бадеӣ, хусусиятҳои он, қонуниятҳои раванди таърихии рушду инкишофи адабӣ ва асосҳои иҷтимоию ҳаётии онро меомӯзад. А. аз се бахши асосӣ иборат аст: *назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, танқиди адабӣ*.

А. чанд илми дигар, аз ҷумла матншиносӣ, сабкшиносӣ, китобшиносӣ ва ғ-ро дар бар мегирад. Инҳо илмҳои ёвар буда, барои таҳқиқи дақиқ ва амалӣ шудани вазифаҳои асосии А. ёрӣ мерасонанд.

Афкори А. дар аввали пайдоиши адабиёти бадеӣ ташаккул ёфт, намунаҳои он дар андешаҳои донишмандони қадими Ҳиндустон, Хитой ва Юнони Қадим ба назар мерасанд. Баъдан онҳо такомул ёфтаанд ва заминаи ташаккули илмии А. шудаанд. Рушди адабиёт ва диди зебоишиносии адибон барои инкишофи илми А. мусоидат кард. Рӯдакӣ муносибати шаклу мазмуни шеърро пай бурда, алоқаи мутақобилаи онҳоро дарёфта, аз шеър «лафзи хубу маънии осон» талаб кардааст, мавқеи иҷтимоӣ ва аҳамияти тарбиявии эҷоди бадеиро низ таъкид намудааст:

Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.

Адибони а-ҳои 10 – 15 дар асоси таҷрибаи эҷодии адабиёти араб, форсии дарӣ, назари адабии юнониён ва арабҳо роҷеъ ба поэтикаи шеъру наср, шинохти фалсафию филологии адабиёт асарҳои пуразриш ба вуҷуд оварданд. Дар китобҳои фалсафии Ибни Сино, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (1158), «Асос-ул-иқтибос»-и (1258) Насируддини Тусӣ бархе аз китобҳои таъриху луғат бобҳо ва фаслҳои алоҳида ба баҳси масъалаҳои гуногуни адабиёт ихтисос ёфтаанд. Китобу рисолаҳои бахшида ба масъалаҳои балоғат ва суханварӣ дар а. 11 пайдо шуданд. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ «Тарҷумон-ул-балоға»-ро (1114) ба масъалаҳои бадеиёти сухан, таҳлили санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, таҷнис, тазод, таносуби сухан ва ғ. бахшид ва нукоти муҳимме роҷеъ ба шеъри шоирон арз кард. Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-Мӯъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам» аз илмҳои арӯз, қофия ва бадеъ баҳс ороста, дар бораи вазифаҳои шеър, қофия ва хелҳои он, санъатҳои бадеӣ ва анвои шеър (қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғ.) мулоҳизаҳо рондааст. Масъалаҳои назарияи наср дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ матраҳ шудаанд. Китоби Муҳаммад Авфии Бухороӣ «Лубоб-ул-албоб» қадимтарин тазкира дар адабиёти форсҷӯчик ба шумор меравад. Авфӣ дар ин тазкира оид ба бисёр масъалаҳои адабиёт таваққуф намуда, доир ба рӯзгор ва осори қариб 300 нафар шоирон (аз аввалин шоири форсигӯй то замони худаш) маълумот додааст ва ашъори шоиронро нақди илмии бадеӣ кардааст. Ба адабиётшиносии нимаи дуюми а-ҳои 12 – 15 «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот, «Меъёр-ул-ашъор», бахшҳои хитоба ва шеъри «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ, «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Меъёри нусратӣ»-и Шамси Фахри Исфаҳонӣ, «Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ»-и Наҷотии Нишопурӣ, «Дақоиқ-уш-шеър»-и Тоҷулҳаловӣ, «Ҳадоиқ -ул-ҳақоиқ»-и Шарафуддини Ромӣ ва диг. маълум буданд. Дар ин давра А. чун ҷузъи таркибии улуми адабӣ ва адабиёти бадеӣ инкишоф ёфт ва адабиётшиносони хушсаликае фаъолият доштанд, ки асарҳои онҳо масъалаҳои умдаи эҷоди бадеӣ, ба монанди ҳунари офаринандагӣ, муҳимтарин ҳодисаҳои адабии замон, пайванди адабиёт бо суннатҳои эҷодӣ, қонунияти моҳияти шеър, мақоми адиб ва адабиёт дар ҷамъият, шинохти сухану суханварӣ, шарҳу тафсири осори адибон ва шарҳи мухтасари ҳоли гӯяндагонро инъикос кардаанд.

А.-и асрҳои миёна рукнҳои назарияи адабиётро, аз ҷумла дар баҳси моҳияти шеър ва наср, нақди адабиро дар баррасии балоғати шеъру сухан ва таърихи адабиётро дар тазкираҳо бо худ дошт. Аз ҷумла адаби назариявии а. 15 нишон медиҳад, ки дар он замон шакли содаи ҳар се ҷузъи таркибии А. мавҷуд будааст. Таърихи адабиёт дар тазкираҳо, масъалаҳои назариявӣ дар рисолаҳо ва нақди адабӣ дар маҳфилҳо ва нақди ашъор густариш меёфтанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия, арӯз ва муаммо чаҳор рисола навишт, равзаи ҳафтуми «Баҳористон»-ро ба тазкираи шуарои а-ҳои 9 – 15 ва баёни навъҳои шеър бахшид, дар «Нафаҳот-ул-унс» (1478) дар бораи адибоне, ки пайрави маслаки тасаввуф буданд (Абдуллоҳи Ансорӣ, Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Ирокӣ ва диг.) ва ба ин равия асар эҷод мекарданд (Низомӣ, Саъдӣ, Камол, Ҳофиз ва диг.), маълумоти судманд медиҳад. Ҷомӣ оғози шеъри тоҷикиро аз Рӯдакӣ сар карда, то Навоӣ дар бораи 39 нафар шоири номдор маълумот додааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ ибтидои шеъри форсиро аз замони Сосониён гирифта, ҷараёни адабиро бо даврабандии хосе то замони худ идома медиҳад. Навоӣ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» дар бораи 459 нафар адиби муосираш маълумот медиҳад, ки 420 нафари онҳо шоирони форсигӯй буданд.

Суннати тазкиранависии Давлатшоҳ ва Навоиро дар асрҳои баъдина тарҷумонҳои «Маҷолис-ун-нафоис», Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Мутрибӣ, Малеҳо ва даҳҳо адабиётшиносони дигар идома додаанд. Инчунин асарҳои Навоӣ «Хамсат-ул-мутаҳайирин» (дар бораи Ҷомӣ) ва «Ҳолоти Паҳлавон Муҳаммад», Абдулвосеи Низомӣ «Мақомоти Мавлавӣ Ҷомӣ», Абдулғафури Лорӣ «Такмила бар «Нафаҳот-ул-унс», Хондамир «Макорим-ул-ахлоқ» (дар бораи Навоӣ) беҳтарин китобҳо дар шарҳи ҳоли адибон буданд. Шарҳу хулоса ва тафсири осори бадеии адибони арабу Аҷам, муосирон ва ҳатто худи онҳо як бахши муҳимми асарҳои А.-и нимаи дуюми а. 15 мебошад. Ҳадафи асосии шореҳон кашфи асрори мармуз ва илмии осори адабист. Ҷомӣ с. 1470 «Лавомеъ»-ро дар шарҳи қасидаи мимияи хамрияи Абуҳафс Умар ибни Алии маъруф ба Ибни Фориз (1180 – 1235) навишт, рисолаи дигари худ «Шарҳи қасидаи тоия»-ро ба ташреҳи қасидаи дигари ҳамон шоири араб «Назм-уд-дурар» хос гардондааст. «Шарҳи байтайни маснавӣ», ки тафсири ду байти аввали «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалоллуддини Румиро фаро мегирад, «Шарҳи байти Хусрави Деҳлавӣ», ки аз баррасии байти қасидаи «Миръот-ус-сафо»-и Хусрави Деҳлавӣ «Зи дарёи шаҳодат чун наҳанги «ло» барорад «ҳу» – Таяммум фарз гардад Нӯҳро дар вақти тӯфонаш» иборат аст ва «Рисолаи суханони Хоҷа Порсо» низ аз ин қабил асарҳои Ҷомӣ мебошанд. «Шарҳи рубоиёт» рисолаест, ки 46 рубоии ирфонии худи Ҷомиро аз мавқеи таълимоти ваҳдати вуҷуд шарҳ медиҳад. Ҷалолуддини Даввонӣ низ рубоиёти худро шарҳ додааст. Аз осори диг. дар ин мавзӯъ рисолаи Хоҷа Аҳрор «Ҳуроия», шарҳи Ҳофизалии Ҷомӣ ба қасидаи Аттор ва шарҳи Абдулғафури Лорӣ бар «Нафаҳот-ул-унс»-ро метавон ном бурд. Асари Асирии Лоҳичӣ «Мафотеҳ-ул-эъҷоз» (1472), ки шарҳи «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарист, бузургтарин дастоварди ин соҳа мебошад. Дар асрҳои минбаъда шарҳнависӣ ба осори Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Хоқонӣ, Саъдӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диг. ба ҳукми анъана даромад. Танқиди адабӣ дар А.-и ин давра ва дар тӯли асрҳои миёна такя бар таълимоти улуми балоғат ва адаб дошт. Зарурати нақди сухан ва ағрози адабиётро аҳли адаб аз оғози баррасиҳои ҳунарӣ дарёфтаанд. Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки дар кулли анвои суханварӣ устод ва соҳибназар буд, сухансанҷро ба саррофи гавҳаршинос монанд кардааст:

Агар таҳсини шеъри хештан бар дасти хешастӣ,
Ҳама кас хештанро Унсурию Анварӣ донад.
Бале, ғаввос аз дарё гуҳар берун кашад, аммо
Чу вақти қимат ояд, қимати ӯ чавҳарӣ донад.

Нақди адабӣ, хусусан нақди шеър дар а. 15 бисёр ривоҷ ёфта буд. Дар маҷлисҳои шоҳона, ҷамъомадҳои аҳли шаҳр, маҳфилҳои адибон ва маҳфилҳои арбоби сулуку ирфон базмҳои адабӣ ва мубоҳисаҳои шеършиносӣ барпо мегардиданд. Шоирон дар чунин анҷуманҳо шеър мехонданд, аҳли сӯҳбат мувофиқи завқу салиқаи худ ва меъёрҳои маъмул ҳусну қубҳи ашъор-

ро доварӣ мекарданд ва сухани охиринро шеършиноси маъруф мегуфт. Дар «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Навоӣ, «Мақомоти Мавлавӣ Ҷомӣ»-и Абдулвосеи Низомӣ, «Макорим-ул-ахлоқ»-и Хондамир ва хусусан «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар ин бора ривоятҳои бисёре оварда шудаанд. Кошифӣ боби дуюми «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор»-ро «Дар баёни уюби назм, ки онро илми накд хонанд» унвон гузошта, дар он салх, масх, муноқиза, зиёдат, такаллуф ва диг. нуқсонҳои шеърро таҳлил кардааст. Атоуллоҳ низ роҷеъ ба бисёр нуқсонҳои шеър (заъфи таълиф, сирқат, айбҳои қофия ва ғ.) сухан меронад. Ҳамин ҳолат дар дигар асарҳои назмшиносӣ низ ба мушоҳида мерасад. Наққодони сухан нуқсу камбудии асарҳои бадеӣ, тозагиҳои асарҳои адибон ва тарзи хоси эҷодиёти адибонро нишон додаанд. Афкори адабии тоҷик ба диди эстетикӣ, махсусан, бо мақулаи асосии он – зебоӣ пайванди мустаҳкаме дошт. Зебоии шеърро бо диди шоиронаи зебоии инсон, дарку дарёфти наводири мароқангези олами мавҷудоти табиат, сохтори вазну қофия, шакли хубу мазмуни марғуб, ҳусни сухан, таносуби таркиботи лафзӣ ва фаҳму бадеъ ва бе айбу нуқсон будан муайян кардаанд. Бо ҳамин сабаб таҳлили хосиятҳои шеър мавриди тадқиқи сухансанҷони ин давра қарор гирифта, муҳаққиқон онҳоро аз мавқеи талаботи балоғату фасоҳат ва арӯз, қофия ва бадеъ санҷидаанд. Адабиётшиносони он замон ба таҳқиқ ва таҳлили илми арӯз таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардаанд. Зарурати донистани арӯзро Сайфии Бухорӣ чунин ба қалам додааст: «Чун шеър каломест мавзун ва ҳар мавзунеро ночор аст аз мизоне, то зиёдат ва нуқсони онро ба он мизон тавон донист ва мизони шеър ба илми арӯз маълум мешавад. Пас ҳар кас, ки дар боби шеър дахл мекунад, хоҳ ба гуфтани шеър ва хоҳ ба шинохтани он, бар ӯ лозим бошад, ки арӯз бидонад». Асарҳои машҳури соҳаи илми арӯз аз нимаи дуюми а. 15 ба баъд инҳо мебошанд: ду рисолаи Дарвеш Мансури Сабзворӣ дар арӯз, асарҳои Алишоҳ ибни Маҳдӣ «Лисон-ул-қалам», Абусаид ибни Шайх Муҳиуддини Рофеӣ «Арӯз», Абдурраҳмони Ҷомӣ «Рисолаи арӯз», Сайфии Бухорӣ «Арӯзи Сайфӣ», Алишери Навоӣ «Мизон-ул-авзон», Наҷмуддин Алии Зоирӣ «Назм-ул-қавоид», Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқи Шариф «Арӯзи Ҳумоюн», Сафиуддин Алӣ «Тӯҳфат-уш-шуаро» – дар шарҳи абёте, ки Ҷавҳарӣ аз шоирони муосири амир Алишер Навоӣ дар илми арӯз суруда буд, Юсуфи Азизӣ «Арӯзи Юсуфӣ» ва ғ. Ҳамчунин Ҳофизалии Ҷомӣ, Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, Юсуфи Бадеӣ, Қосими Коҳӣ ва диг. низ дар бораи арӯз рисолаҳо доштанд. Адибони он замон дар илми қофия низ рисолаҳо навиштаанд, ки аксар «Рисолаи қофия» ё «Илм-ул-қавофӣ» ном доранд. Аз рисолаҳои ин силсила асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ «Рисолаи қофия» ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Рисола дар илми қавофӣ» машҳуранд. Асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар илми бадеъ таълиф шудаанд. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ бо номи «Такмил-ус-саноат» асари муфассале дошт. Таснифи навъҳои шеър дар таърихи афкори назарии нимаи дуюми а. 15 мақоми хос дорад. Донишмандони улуми адабӣ роҷеъ ба қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, шоҳбайт, фард ва анвои гуногуни мусаммат (мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусамман, муашшар ва ғ.) дар кутубу рисолаҳо назари худро баён кардаанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ роҷеъ ба анвои адабӣ гуфтааст: «Шеър бар ақсом аст чун қасида, ғазал, маснавӣ, қитъа ва рубоӣ ва шуаро дар муморасати онҳо мутафовит, баъзе мутафаннинанд, ки бар ҷамеи ин ақсом шеър гуфтаанд ва баъзе аз он қабиланд, ки майли эшон ба баъзе аз ин ақсом бештар будааст, чун мутақаддимон, ки эҳтимоми эшон ба қасоид будааст дар мадоеҳу мавоиз ва ғайри он ва эҳтимоми баъзе ба маснавӣ ба хилофи мутааххирон, ки суханони аксар бар тариқи ғазал воқеъ шудааст ва адади ин тоифа аз ҳадду ҳаср берун аст». Дар як ҷумла муаллифи «Баҳористон» ба ақсоми шеър, таваҷҷӯҳи баъзе шоирон ба ҳамаи анвоъ ва аз дигарон ба баъзе, майли қадимиён ба қасида, эҳтимоми баъзе ба маснавӣ ва аз мутааххирон бар ғазал баҳои муносиб додааст. Адабиётшиносони он замон ба мазмуни асарҳои бадеӣ аҳамият дода, мазмуну мӯҳтавиёти қасида, ғазал, рубоӣ ва маснавиро тибқи мазмун табақабандӣ кардаанд, ки ҳосили он ҳачв, ҳазл, нақиза, мунозира, шикояти рӯзгор, насиҳат, хамриёт, мутоиба, муаммо, луғз ва ғ. аст. Мас., Ҳусайн Воизи Кошифӣ маънои луғавӣ ва истилоҳии маснавӣ, тарзи қофиябандии он, истеъмоли онро дар қисасу ахбор ва ҳикоёти таърихӣ шарҳ дода, намунаи ин навъи шеър «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ном бурдааст.

Дигар навъҳои шеър аз назари шаклу, мазмун, маъною мафҳум дар баҳши «Дар баёни маонии баъзе алфози мутадовила миёни шуаро, ки мӯҳтоҷ ба баён аст»-и «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ шарҳ ёфтаанд ва ин бахшро луғати мухтасари истилоҳоти А. метавон гуфт. Фасли «Зикри баъзе алфоз, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст»-и «Бадоеъ-ул-афкор»-и Кошифӣ низ ҳамин хусусиятро дорад. Дар нимаи дуюми а. 15 ва ибт. а. 16 илмҳои адабӣ ривоҷ ёфтанд. Улуми адабӣ соҳаҳои гуногуни филология ва иншои шеъру наср ва А.-ро фаро гирифта, барои такмили ҳунари касбии нависандагӣ зарур буданд ва ҳамчун ҷузви таркибии адабиёти назарӣ дар ҷомеа мақоми шоиста доштанд. Донишмандон аз оғози аҳди ислом улуми адабиро иборат аз дувоздаҳ навъ донистаанд (ниг. мақолаҳои *Адаб ва Адабиёт*). Муаллифи «Арӯзи Ҳумоюн» Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқи Шариф номгӯ ва шарҳи мухтасари ин дувоздаҳгонаро овардааст. Дар таснифи улуми адабӣ чаҳор илм ба соҳаи забоншиносӣ хос мебошанд, илмҳои дигар сохтори назму насрро фаро мегиранд. Аз китобҳои назарӣ, дастурӣ ва амалии фанни иншо ва номанигорӣ «Махзан-ул-иншо»-и Кошифӣ, «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид, «Маншаъ-ул-иншо»-и Абдулвосеи Низомӣ, «Руқаот ва муншаот»-и Ҳақирӣ, «Тарассул»-и Хоҷа Бурҳон, «Манозир-ул-иншо», «Риёз-ул-иншо» ва «Қавоид-ул-иншо»-и Маҳмуди Қовонро метавон ном бурд, ки ҳарчанд дар маҳалҳои гуногун тасниф шудаанд, аз ҷиҳати услуб ба ҳам қаробат дошта, гоҳе дар атрофи қоидаҳои ин фан баҳс карда, асосан намунаҳои муросилоти шахсӣ, пурсишу посухҳои илмӣ, номаҳои давлатӣ ва ғ-ро дар бар мегиранд. Ҷомӣ ва Навоӣ низ маҷмӯаҳои руқаоти худро тартиб дода, онҳоро чун асари алоҳида дар куллиётҳояшон ҷой додаанд. Дар таснифи илмҳои адабӣ касе илми муамморо ворид накардааст, аммо аз а. 15 ба баъд дар илми муаммо рисолаҳои бисёре навиштаанд. «Чаҳор рисола»-и Ҷомӣ, «Муфрадот»-и Навоӣ, «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз»-и Алии Яздӣ, «Муаммо»-и Мир Ҳусайни Муаммоӣ, «Афкор-уш-Шариф»-и Шарифӣ, «Зобитаи ҳалли муаммо»-и Камолуддин Муҳаммади Бадахшӣ, рисолаҳои Сайфии Бухо-

роӣ, Юсуфи Бадеӣ, Қосими Коҳӣ ва диг. қоидаҳои муаммо ва роҳҳои кашфи онро фаро гирифтаанд. Дар мамлакатҳои Ғарб А. дар Юнони Қадим бо таълимоти Афлотун (427 – 347 то м.), «Поэтика» ва «Риторика»-и Арасту сар шудааст. Афлотун саромади ҷараёни идеалистӣ дар эстетика буда, вазифаи маърифатии адабиётро инкор мекард ва фақат ба аҳамияти тарбиявии он иқрор буд. Арасту адабиётро эҷодкорие медонист, ки ба мардум на фақат дониш, балки завқе ҳам медиҳад ва дилу рӯҳро тоза мекунад. Арасту ва пайравони ӯ аз мақоми иҷтимоии адабиёт, аз шаклу сабкҳои шеърӣ, аз ҷинс ва жанрҳои адабӣ сухан рондаанд. Таълимоти Арастуро дар Рими Қадим Горатсий (65 – 8 то м.) бо рисолаи манзуми «Фанни шеър» давом дод. Дар асрҳои миёна А. бештар дар Шарқ – Хитой, Ҳиндустон, мамлакатҳои арабизабон ва форсизабон инкишоф ёфт. Муҳаққиқон ва адабиётшиносони Шарқ бештар ба муносибати шаклу мазмун, омӯхтани шаклҳои бадеӣ ва хусусиятҳои сабку услуб таваҷҷӯҳ намуданд. Европаи Ғарбии асрҳои миёна даврони ҳукмронии иртиҷоии динӣ буд ва ин боиси инқирози илм, аз ҷумла афкори А. гардид. Дар замони Эҳё (Ренессанс) муборизаи шадид бар зидди тангназарии асримиёнагӣ давом ёфт ва А. диққати нависандагонро ба омӯхтани воқеияти ҳаёт ва забони халқ мутаваҷҷеҳ намуд. Дар авв. а. 17 Бэкон нахустин бор истилоҳи таърихи адабиётро истифода кард ва онро чун илми мустақил шинохт. Дар а. 18, замони маорифпарварии Европа, дар А. дастурҳои воқеъгароӣ (реализм) тадқиқ шуданд ва барои намуна асарҳои Дидро ва Лессинг («Лаокоон», 1766) аҳамияти хос доштанд. Маорифпарварон масъалаи иртиботи шахсу ҷомеаро ба миён оварда, нақши муҳити иҷтимоиро барои ташаккули шахс таъкид карданд ва ифодаи фардияти шахсро дар адабиёт зарур донистанд. Дар а. 19 Гегел дар «Лексияҳо оид ба эстетика» (1817 – 29) рушди фарҳангу ҳунарро аз Шарқи Қадим (ки онро ватани шакли рамзии ҳунар донистааст) то замони худ аз назар гузаронд ва ин нақшаи таърихии ӯ моҳиятан идеалистӣ бошад ҳам, фарогири рӯҳи таърихият ва диалектика буд. Гегел дар асарҳояш ба фардияти аҳли ҳунар, ба ифодаи хислатҳои шахсии ӯ, ба сабку услуб ва ғ. бештар аҳамият дод, назарияи романро кор кард ва романро ҳамосаи (эпоси) замони нав донист, ки зиндагии хусусии шахс ва саҳни вусъатноки ҳаёти иҷтимоиро ба ҳам мепайвандад. Дар а. 19 инчунин назарияи реализми танқидӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла Стендал адабиётро оинаи зиндагӣ шумурд ва талаб кард, ки адабиёт бояд қонуниятҳои олами воқеиро зоҳир созад ва на фақат олами зоҳириро тасвир намояд, балки ба дунёи ботинии (равонии) шахс ҳам сар фурӯ барад. Балзак хусусияти методи эҷодии адабиёти маорифпарварӣ, романтизм ва воқеъгароиро аз чанд ҷиҳат муайян карда, дар масъалаи хислати шахс ва алоқаи он бо муҳит мулоҳиза ронд ва мафҳуми «инсони иҷтимоӣ»-ро ба доираи пажӯҳишҳои илм ворид кард. Дар а. 19 мунаққидон ва назариянпардозони рус дар тараққии афкори зебоишиносхтӣ (эстетикӣ) ҳиссаи калон гузоштанд. В. Г. Белинский, А. И. Герсен, Н. Г. Чернишевский таърихи адабиёти русро дар иртибот бо таърихи муборизаи озодихоҳӣ баррасӣ карданд. Онҳо масъалаи иртиботи ҳақиқати ҳаёт ва ҷаҳонбинии аҳли ҳунарро ба миён гузошта, мавқеи адабиётро дар дигарсозии инқилобии зиндагӣ мавриди муҳокима қарор доданд, масъалаи халқияти адабиётро низ аз ҳамин дидгоҳ ҳал намуданд. Белинский хусусиятҳои мактаби воқеъгароии (реализми) русро дар даврaҳои шаклгирии он муайян кард. Инқилобгароёни демократ Н. А. Добролюбов ва Н. Г. Чернишевский ин кори ӯро давом дода, бисёр хусусиятҳои муҳими эҷодиёти нависандагони бузурги русро равшан намуданд. Аз нимаи дуюми а. 19 вобаста ба зуҳури марксизм давраи наве дар таърихи А. сар шуд. К. Маркс ва Ф. Энгелс қонунҳои иҷтимоии тараққии ҷамъиятро кашф намуда, робитаи мураккаби байни асоси (базиси) иқтисодии ҷамъият ва барсохти (надстройкаи) он (аз ҷумла адабиёт)-ро муайян карданд. Афкори онҳо ба дарки қонунҳои иҷтимоии тараққиёти ҳунар, барои аз мавқеи табақотӣ (синфӣ) омӯхтани таърихи адабиёт ва танқиди адабӣ нигоронда шуда буд. Бахусус, таълимоти марксистӣ барои равшан кардани масъалаҳои назарияи мактаби воқеъгаро (реализм) имкон дод. Дастури асосии ҳунари воқеъгароӣ, аз назари Ф. Энгелс, ба ҷуз аз тасвири ҳаққонияти ҷузъиёт, дар вазъиятҳои типӣ тасвир шудани характерҳои типӣ мебошад. Ин таъриф барои фаҳмидани воқеъгароии а. 19 аҳамият дорад ва ба таври куллӣ моҳияти асосии воқеъгароиро ифода мекунад. К. Маркс ва Ф. Энгелс ба аҳамияти ҷаҳонбинии ҳунарманд, ғоянокӣ, халқият, синфияти адабиёт ва ғаразнокии он аҳаммияти калон додаанд. Фикрҳое, ки онҳо доир ба даврaҳои гуногуни тараққиёти адабиёт (даврaи атиқа, асрҳои миёна, Эҳё, Маорифпарварӣ ва ғ.), хусусан дар бораи эҷодиёти нависандагони а. 19 – Гёте, Балзак, Лассал ва диг. баён кардаанд, ба сифати методологияи марксистии А.-и шӯравии тоҷик қабул гардида буд. В. И. Ленин дар мақолаи «Ташкилоти партиявӣ ва адабиёти партиявӣ» (1905) ва диг. мақолаву тезис ва суханроиҳояш кӯшиш намуд, ки А.-и марксистиро бо корҳои ҳаррӯза ва амалии муборизаи синфӣ ва инқилоби пролетарӣ татбиқ намояд. Вай партиявиятро дар асоси ҳамаи диг. масъалаҳои асосии назарияи адабиёт гузошт ва масъалаи идеали эстетикӣ, озодии ҳунарманд, халқияти адабиёт, анъанаву навоварӣ ва ғ-ро аз ҳамин дидгоҳи сиёсӣ ҳал намуд. Ин таълимоти В. И. Ленин ва андешаҳои ӯ дар бораи ҷанбаҳои объективӣ (айнӣ) ва субъективӣ (зеҳнӣ) дар кори адабию ҳунарӣ дар мавриди эҷодиёти Л. Н. Толстой ва мавҷуд будани «ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ» асоси методологии пажӯҳишҳои А., нақди адабӣ ва методи эҷодии адабиёти шӯравиро барои чанд даҳсола муайян намуда буданд. Дар А.-и тоҷик низ вобаста ба зуҳури афкори рӯшангарӣ (маорифпарварӣ ва ҷадидия) дар афкори адабӣ тағйирот ба вуқӯъ пайваст. Арзишҳо ва меъёрҳои баҳо ба намунаҳои адабиёт тағйир ёфт. Дар ох. а. 19 ва бахусус оғози а. 20 дар баробари тазкиранависии суннатӣ тазкираҳое таълиф шуданд, ки дар онҳо маълумоти умумии тавсифӣ мавқеи дуюмдараҷа гирифта, осори шуаро ва нависандагон аз меъёри мавқеи иҷтимоӣ, аҳамияти милливу ватандӯстӣ ва навназарӣ баҳо дода шуданд. Дар ин маврид метавон баҳсҳои назарӣ ва усулие, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» баргузор шуда буд, намунаҳои нақди адабӣ дар нашрияҳои М. Беҳбудӣ (г. «Самарқанд», мач. «Оина») ва тазкираҳои Садри Зиё «Тазкори ашъор» ва Салимбекро ном бурд. Ба таври куллӣ ин намунаҳои нақд масъалаҳои таҷдиди назар ба адабиёт, баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ, назари воқеӣ ва навбинӣ ба масъалаҳои адабиётро фаро гирифта буданд. Ба ин маънӣ метавон оғозгоҳи шинохти тозаи адабиёт, яъне А. ва нақди адабиро ба даврони рӯшангарӣ ва ҷадидия нис-

бат дод. Ин афкори адабии нав бо ҷанбаи иҷтимоъгароии худ ба А.-и замони шӯравӣ ҳамоҳангӣ дошт ва баъзе аз хусусиятҳои он дар таълифоти С. Айнӣ идома ёфт. Оғози рушди А.-и тоҷикии замони шӯравӣ бо номи С. Айнӣ вобастагӣ дорад. Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), бо рисолаҳое, ки дар бораи Фирдавсӣ (1934), Ибни Сино (1939), Рӯдакӣ (1940), Саъдӣ (1940), Бедил (1946), Навоӣ (1948) ва диг. навиштааст, дастурҳои асосии омӯзиши таърихи адабиётро муайян кард. Ӯ дар таърихи илми замони нави тоҷик якумин касе буд, ки эҷодиёти классикон ва раванди адабии таърихиро алоқамандона бо вазъи иҷтимоию сиёсии замон омӯхта, ба асоси ҳаётии эҷоди бадеӣ (воқеъгароӣ) ва халқияти он, ба масъалаҳои услуб ва методи (усули) эҷодии нависандагон, пайдоиш ва инкишофи баъзе жанрҳову шаклҳои бадеӣ диққат дод. А.-и тоҷик дар замони шӯравӣ дар раванди муборизаҳои сахти мафкуравӣ шакл гирифта, аз аввали пайдоишаш мутаваҷҷеҳи масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ҷамъият гардид, хусусиятҳои ҳирфаӣ ва шаклгирии минбаъдаи онро муайян намуд. Муҳимтарини ин муборизаҳо муборизаи зидди инкоргароии (нигилизми) таърихӣ ва таърихиву маданӣ буд. Дар айёме, ки пантуркистҳои таҳрифгари таърих мавҷудияти халқи тоҷик, маданият, адабиёт ва забони ӯро инкор мекарданд, устод Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» таърихи ҳазорсола доштани забони адабии ҳозира ва адабиёти асрҳои миёнаи тоҷикро исбот намуд. Солҳои 30 – 40 а. 20 инкоргароии маданӣ-фарҳангӣ ба чунин шакле зоҳир шуд, ки баъзеҳо ҳуқуқи халқи тоҷикро ба адабиёти асрҳои гузашта, хусусан то а. 16 инкор менамуданд, дар сари ақидае пофишорӣ доштанд, ки дар инкишофи он адабиёт халқи тоҷик иштирок накардааст. Фаъолияти А.-и устод Айнӣ с-ҳои 30 – 40 а. 20 бар муқобили чунин таҳрифи таърих нигаронида шуда буд. Дар натиҷа бо пешниҳоди ӯ нисбат ба адабиёти то а. 16, ки мероси умумии эрониёну тоҷикони ҳозира аст, истилоҳи адабиёти форс-тоҷик қабул гардид. Дар ин роҳ маҷм. дастҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) ва сарсухани он, ки ба қалами И. С. Брагинский тааллуқ дошта, бо маслиҳати Айнӣ навишта шуда буд, низ нақши муассире гузошт. Консепсияи таърих ва таърихи фарҳангу маданияти халқи тоҷик, ки бунёди истилоҳи адабиёти форс-тоҷик бар он буд, аз с-ҳои 40 а. 20 дар тамоми илми собиқ шӯравӣ пазируфта шуд. На танҳо тадқиқоти адабиётшиносону таърихшиносони тоҷик (Б. Ғафуров, Л. Бузургзода, А. Мирзоев ва диг.), балки шарқшиносон ва нависандагони шӯравӣ, хусусан А. А. Фадеев дар ин кор мавқеи муҳим дошт. А.-и с-ҳои 30 – 40 а. 20 низ чун як ҷузъи муҳимми талошҳои фарҳангӣ инкишоф ёфта, барои ташаккули ҳофизаи таърихӣ ва худогоҳии миллии халқи тоҷик омили муҳим гардид. Ҳамчунин муборизаи зидди инкоргароии (нигилизми) таърихию маданӣ, ки аз боқимондаҳои Пролеткулт буд ва тамоми адабиёти даврaҳои гузаштаро адабиёти феодалӣ медонист, низ аҳамияти махсус пайдо кард. Аз ин рӯ, дар фаъолияти илмии устод Айнӣ диққати асосӣ ба падиди овардани бунёди халқиву инсондӯстии эҷодиёти намояндагони барҷастаи адабиёти гузашта – Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва диг. равона гардид. Ин мавзӯъ дар тадқиқоти баъзе муҳаққиқони дигар ҳам то ҳол мавқеи калон дошта, боиси муайян гардидани баъзе аз хусусиятҳои асосии равияҳои пешқадами адабиёти гузашта, устувор гардидани пояҳои методологияи таҳқиқи иҷтимоии илмии А. шуд. А. инчунин дар муборизаи зидди назарияи «ҷараёни ягона» ва диг. консепсияҳои дуруштандеш (вулгаризаторӣ) дар заминаи назарияи мафкураи марксистӣ-ленинӣ барои муайян намудани моҳияти равандҳои адабӣ то ба ҳадде имкон ёфт. Адабиётшиносон А. Мирзоев, А. Н. Болдирев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода ва диг. аввал ба адабиёти баъди а. 15, ки омӯхта нашуда буд, мутаваҷҷеҳ гардида, сарчашмаҳои адабӣ, даврaҳои алоҳида, эҷодиёти Восифӣ, Биноӣ, Сайидо, Дониш, Шоҳин, Туғрал ва диг-ро тадқиқ намуданд. Дар айни замон омӯзиши умумии таърихи адабиёти форс-тоҷик ва муҳимтарин маъалаҳои он натиҷаи ҷиддӣ дод ва асарҳои ҷомеи Е. Э. Бертелс «История персидско-таджикской литературы» («Таърихи адабиёти форс-тоҷик», М., 1960), И. С. Брагинский «Из истории таджикской народной поэзии» («Аз таърихи назми халқи тоҷик»; М., 1956) ва ғ. ба майдон омаданд. Ҷустуҷӯи сарчашмаҳои асосии адабиёти асрҳои миёна, ҷамъоварии мероси адабии намояндагони он, таҳқиқи ақидаҳои иҷтимоиву ахлоқии онҳо, ки аз с-ҳои 40 ривоҷ ёфта буд, хусусан с-ҳои 60 – 70 а. 20 авҷ гирифт. Бо кӯшиши як гурӯҳ муҳаққиқон эҷодиёти адибоне, ки пеш номашон чандон маълум набуд, омӯхта шуд. Камкам моҳияти эстетикии адабиёт, масъалаҳои поэтика ва инкишофи равияҳои жанриву услубии он бештар мавриди баррасӣ қарор гирифт (С. Саъдиев, А. Абдуллоев, М. Муллоаҳмадов, А. Насриддинов ва диг.). Омӯзиши адабиёти омиёна («китобҳои халқӣ») оғоз ёфт (Ю. Салимов, Қ. Чиллаев, Қ. Восеъ), дар роҳи гурӯҳбандии он ва нашри муҳимтарин намунаҳояш қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуд, ки ин боиси амиқтар падид овардани халқияти адабиёт ва зуҳуроти он гардид. Таҷрибаи омӯзиши адабиёти классикии форс-тоҷик дар як силсила «Очеркҳои таърихи адабиёти тоҷик» дар ИЗА АИ ҶТ ҷамъбаст гардид, ки муаллифони онҳо Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Абдуллоев, У. Каримов, С. Саъдиев ва диг. мебошанд. Ин очеркҳо барои ба вуҷуд овардани таърихи мукаммали адабиёти тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз замина тайёр кард. Аз с-ҳои 50, хусусан дар с-ҳои 60 а. 20 ба баъд, омӯзиши ҷиддии назарияи адабиёт – илмҳои бадеъ, арӯз, қофия ва жанрҳои суннатӣ ривоҷ ёфт ва дар ин кор адабиётшиносон – Б. Сирус, Т. Зеҳнӣ, А. Сатторзода, Х. Шарифов. Р. Мусулмонқулов, У. Тоиров, Ш. Раҳмонов иштирок карданд. Роҳҳои инкишофи афкори эстетикии файласуфон Абунасри Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ, сайри таърихии адабиётшиносиву танқид, хусусан асарҳои Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Хусрави Деҳлавӣ, Шамс Қайси Розӣ, Ҷомӣ ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ҳамаҷониба аз назар гузаронда шуд. Матншиносӣ низ вусъат гирифта (К. Айнӣ, А. Афсаҳзод, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, А. Кӯчаров ва диг.), чопи илмӣ ва оммавии бисёр асарҳо (аз ҷумла «Шоҳнома», асарҳои Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Дониш, С. Айнӣ ва диг.) анҷом ёфт. Феҳристи дастнависҳои ганҷинаи Ин-ти шарқшиносии АИ ҶТ дар Душанбе ва Теҳрон чоп шуд. Омӯзиши таърихи адабиёти замони шӯравии тоҷик низ як соҳаи А.-ро ташкил мекунад. Ин соҳа дар ҷараёни бартараф кардани иҷтимоъгароии дурушт ташаккул ёфтааст. Омӯзиши таърихи адабиёти шӯравии тоҷик асосан аз тадқиқи осори бадеии С. Айнӣ – аз асарҳои Р. Ҳошим, Н. Бектош И. Брагинский сар шуда буд. Аксари адабиётшиносон ва мунаққидон – Н. Маъсумӣ, С. Табаров, Ш. Ҳусейнзода, М.

Шакурӣ (Шукуров), Ю. Бобоев, Л. Демидчик, А. Сайфуллоев ва диг. дар айнишиносӣ иштирок карда, роҳи эҷодии ин нависанда, аҳамияти ғоявию бадеии асарҳои вай, мавқеи ӯро дар рушди маънавии халқ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин кор сессияи илмии «Солонаи Айнӣ» (аз с. 1958) ва нашрияи «Ҷашнномаи Айнӣ» нақши алоҳида мебозад. Ҳаёт ва эҷодиёти бисёр нависандагони шӯравии тоҷик, инчунин масъалаҳои алоҳидаи эҷодиёти баъзеи онҳо дар шакли монографӣ тадқиқ шудааст. Агарчи А.-и классикии форс-тоҷик аз аввал ҷанбаи танқидӣ дошта, хусусан дар «Ал-Мӯъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ баъзе аз дастурҳои асосии танқиди адабӣ муайян шуд, то Инқилоби Октябр (с. 1917) танқиди адабӣ аз А.-и умумӣ чун шохаи алоҳида ҷудо нашуда буд. Танқиди адабӣ фақат бо мақолаҳои сирф танқидии ох. с-ҳои 20 ва дар зарфи с-ҳои 30 а. 20 ба сӯи истиқлоли жанрӣ роҳ пеш гирифт. Аз с.-ҳои 30 а. 20 адибони тоҷик ба тақозои замон ба асарҳои инқилобгарони демократи рус В. Г. Белинский, Н. А. Добролюбов, Н. Г. Чернишевский ҷиддан рӯ оварданд, мероси назарии К. Маркс, Ф. Энгелс, Г. В. Плеханов, В. И. Ленин ва инчунин А. В. Луначарскийро омӯхтанд ва танҳо аз онҳо барои муайян кардани дастурҳои нави методологии танқид, яъне нақди марксистӣ-ленинӣ такягоҳ ҷустанд. Такя ба пояҳои назарии биниши танқидӣ, кӯшиши дахолат ба раванди адабӣ имкон дод, ки нависандагон А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода М. Турсунзода, Ҳ. Юсуфӣ, мунаққидон Раҳим Ҳошим, Х. Мирзозода ва диг. бо мақолаҳои с-ҳои 30 ва 40 а. 20 дар роҳи ба ҷараёни адабиёти пролетарӣ ва мафкураи коммунистӣ кашидани адабиёт саҳм бигиранд. Танқиди адабӣ с-ҳои 40 – 50 а. 20 кам-кам таъсири дуруштназарии иҷтимоиро (сотсиологизми вулгариро) паси сар мекард. Даврai аввали инкишофи А. ва танқиди адабӣ бо китоби дастҷамъонаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (ҷ-ҳои 1 – 2; 1957 – 58, нашри якҷояи русӣ – М., 1961) ҷамъбаст гардид. Солҳои 60 – 70 а. 20 ба танқиди адабӣ муяссар шуд, ки кам-кам аз асорати назари сирф иҷтимоъгароёна халосӣ ёфта, пояҳои илмии объективиро бештар қувват диҳад ва диққати асосиро ба моҳияти эстетикии адабиёт, ба масъалаи алоқаҳои жанр, услуб, поэтика, ба раванди адабӣ мутамаркиз намояд. Нақши танқиду А. дар раванди адабии ҷорӣ ҷиддитар шуд. Дар асарҳои насли нави адабиётшиносону мунаққидон – Х. Отахонова, Ю. Акбарзода, Х. Шарифов, А. Сатторзода, М. Раҷабӣ, А. Абдуманнонов, А. Набиев, Ҷ. Бақозода ва диг. бо назари таърихӣ фаро гирифтани рӯйдодҳои раванди ҷории адабӣ, дар саҳни инкишофи адабии собиқ шӯравӣ мавқеи муҳим дорад. На фақат хусусиятҳои асосии раванди адабӣ, балки масъалаҳои назариву амалии тарҷума (Ҳ. Шодиқулов, З. Муллоҷонова), робитаи мутақобилаи адабиёти тоҷик ва адабиёти халқҳои дигар (А. Сайфуллоев, Валӣ Самад, А. Давронов), роҳҳои инкишофи адабиёти бачагона (Р. Амонов, Н. Файзуллоев, Ю. Акбарзода), назарияи танқид (С. Табаров), назария ва амалияи матншиносӣ (Х. Отахонова, А. Кӯчаров) ва ғ. низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Савияи нави А. ва танқиди адабӣ, ки с-ҳои 70 – 80 а. 20 муяссар шуд, имкон дод, ки дар асари дастҷамъонаи шашҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» (ИЗА АИ ҶТ, 1978 – 86) махсусиятҳои таҷаддуди реалистии адабиёти тоҷик аз рӯи тағайюру таҳаввули сохтори жанру услуб тадқиқ гардад. Солҳои 70 – 80 а. 20 нашри асарҳои адабиётшиносону мунаққидон хеле афзуд. А. ва танқиди адабӣ ба ҳалли мураккабтарин масъалаҳои таърихи адабиёти гузаштаву ҳозираи тоҷик даст зада, муҳимтарин проблемаҳои инкишофи таърихии адабиёт ва ҷараёнҳои ғоявию услубии он, мазмуну шакли миллӣ ва муносибати мутақобилаи ҷанбаи миллию байналмилалӣ, анъанаву навоварӣ, махсусиятҳои биниши эстетикии халқ ва нақши он дар ташаккулу тараққии тасвири воқеъгароёна, бахусус реализми сотсиалистӣ, нақши таҷрибаи эстетикии реализми адабиёти рус дар инкишофи насри муосири тоҷик ва ғ-ро ба тадқиқ гирифт. Аммо дар замони бозсозии горбачевӣ, бахусус, дар даврони соҳибистиқлол шудани ҶТ (1991) ва тағйир хӯрдани арзишҳо А. аз маҳдудияти мафкуравӣ озод шуд ва ба дастурҳои бунёдии илмии худ таҷдиди назар намуд. Адабиётшиносон масъалаҳои таърихи адабиёт ва эҷодиёти нависандагони алоҳидаро аз меъёри арзишҳои асили миллӣ ва умумибашарӣ, мазияти ҳунарӣ мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор доданд. Дар шароити нав масъалаҳои таърихи адабиёт (адабиёти дарбор, осори тасаввуфӣ, адабиёти ҷадидия) таҳқиқ шуданд ва ба чанде аз масъалаҳои А. ва таърихи адабиёт назари интиқодӣ андохта шуд. Ҳамзамон масоили тозаи А. ба таври амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ гардид ва як силсила тадқиқоти муҳиме ба анҷом расид. Адабиётшиносон мутаваҷҷеҳи адабиёти қадими тоҷикӣ шуданд ва китоби Авесто, ҳамчунин мачмӯаи хираднома ва достонҳои қадим ба чоп расиданд. Масъалаи таърихи адабиёти арабизабони форсии тоҷикӣ, назарияи насри классикӣ ва таърихи таҳаввули шакливу жанрии он (Х. Шарифов, Н. Салимов, Т. Мардонӣ, Н. Зоҳидов, А. Абдусатор) ба таҳқиқ омад. Ба чигунагии назарияи адабиёти тоҷик, иртиботи он ба назарияпардозони Юнони Қадим, аз ҷумла Арасту таҷдиди назар шуд (А. Сатторзода). Рӯзгор ва осори адибони то ба ҳол таҳқиқшуда амсоли устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ аз нав баррасӣ шуданд, симои адибони орифе чун Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (Балхӣ) мавриди тадқиқи ҷиддӣ қарор гирифт, ки дар А. собиқа надошт. Ҳамчунин ба адабиёти а. 20 (маорифпарварӣ ва ҷадидия, замони шӯравӣ) ва эҷодиёти адибони ҷудогонаи он таҷдиди назар гардид ва ҳодисаҳои адабиву чеҳраҳои таҳқиқнашудаи он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтанд. (М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ). Дар заминаи таҳқиқи адабиёти замони Истиқлол (А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, А. Набавӣ, Ю. Акбарзода), адабиёти кӯдакон (Н. Файзуллоев), айнишиносӣ низ пажӯҳишҳои тоза (М. Шакурӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов) таълиф гардид. Дар А. риштаи иртиботи адабиёти халқҳои форсизабон – Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон зуҳур кард. (Х. Асозода, О. Хӯҷамуродов) ва робитаи адабӣ бо диг. халқҳо низ мавриди назар буд (А. Давронов, Валӣ Самад, М. Хоҷаева). Дар ду даҳсолаи а. 21 чанде аз адабиётшиносони ҷавон, амсоли Ш. Солеҳов, Ш. Исрофилниё, М. Зайниддинов, Т. Шарифзода, М. Нарзиқул, Б. Мақсудов, В. Охониёзов, А. Худойдод, Н. Нурзод, С. Аъзамзод, Р. Ваҳҳоб ва диг. ба воя расиданд, ки рушди минбаъдаи А. дар дасти онҳост. А.-и тоҷикӣ дар марҳалаи нави инкишоф қарор гирифтааст.

Ад.: Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещение, кн. 1 – 3, М., 1962 – 65; Шарипов Х., Формирование таджикской литературно-теоретической мысли в X – XI вв., Д., 1970; ҳамон муалл., Назарияи наср, Д., 2004; Бобоев Ю., Муқаддимаи

адабиётшиносӣ, Д., 1974; Сатторов А., Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ, Д., 1975; ҳамон муалл., Из истории персидско-таджикской литературно-эстетической мысли (X – XV вв), Д., 1976; ҳамон муалл., Нуқтаи пайванд, Д., 1982; Мусулмонқулов Р., Атауллах-и Махмуди Ҳусайни и вопросы таджикской-персидской классической поэтики, Д., 1980; ҳамон муалл., Асрори сухан, Д., 1980; Қурбонмамадов А., Эстетики Абдурахмана Джами, Д., 1984; Асоев Х., Адабиёти форсӣ ва се шохаи он, Д., 1990; Хочаева М., Масъалаҳои услуб, Х., 1994; Имронов С., Ёдномаи устод Рӯдакӣ, Д., 2001; Салимов Н., Марҳилаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX – XIII), Х., 2002; Шакурӣ М., Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист, Д., 2002; Валӣ Самад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский, Д., 2004; Набавӣ А., Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷикӣ, Д., 2004; Зоҳидов Н., Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII – IX , Х., 2004; Сафар Абдулло. Нури сухан, Д., 2005; Табаров С., Ҷаҳони андешаҳои Абдурауфи Фитрат. Д., 2008; Сайфуллоев А., Уфуққои наср, Д., 2009; Отахонова Х., Масъалаҳои матншиносии осори адибон, Д., 2010; Мардонӣ Т., Рӯдакӣ ва адабиёти араб Д., 2010; Насриддинов А., Матншиносии осори бадеӣ, Х., 2010; Амирқулов С., Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни 19), Д., 2010; Исрофилиё Ш. Р., Назаре ба адабиётшиносии чанд соли охир, г. «Адабиёт ва санъат», 3 марти соли 2011. *А. Афсаҳзод, А. Набавӣ, Х. Шарифов.*

АДАБЧӮБ, чӯбдасти домуллои мактаби кӯҳнаи мусулмонӣ, ки барои танбеҳ додани мактабхонҳо истифода мешуд. Ҷазои ҷисмонии бачагон дар усули таълими мактаби кӯҳна ҷой дошт. Падару модарон, ки босавод будани фарзандонашонро мехостанд, ҳамаи шартҳои вазнини мактабро қабул мекарданд. Ҳангоми машғулият домулло дар наздаш химчаи тақр. 2 – 3-метраи ғафсиаш 1,5 – 2 см-ро нигоҳ медошт ва бо он шогирдони гунаҳкорро мезад. Вазифаи А.-ро баъзан асои домулло низ адо мекард.

АДА́Д (ар. шумор, шумора, ҳисоб), яке аз мафҳумҳои асосии математикӣ, ки аз қадимулайём тадричан инкишоф ёфтааст. Мафҳуми ададҳои бутуни мусбат (ададҳои натуралӣ) дар ҷамъияти ибтидоӣ аз зарурати ҳисоби ашё ба вуҷуд омадааст. Дарки беинтиҳо будани қатори ададҳои натуралӣ дар инкишофи назарияи ададҳо саҳифаи нав кушод. Тасаввуроти равшани беинтиҳоии қатори ададҳо дар асарҳои математикони давраи атиқа – *Уқлидус* («*Ибтидо*») ва *Архимед* («Псаммит») инъикос ёфтаанд. Баробари инкишофи мафҳуми ададҳои натуралӣ зарурати бо ададҳо иҷро кардани амалҳо (*ҷамъ, тарҳ, зарб* ва *тақсим*), қоидаҳои тартиби иҷро кардани амалҳо ва ёфтани усулҳои ҳал кардани масъалаҳо ба миён омаданд. Ин боиси пайдоиши илм дар бораи А. – *арифметика* гардид. Навъҳои махсуси ададҳои натуралӣ (А.-и ҷуфт, тоқ, сода, мураккаб, ратсионалӣ, ирратсионалӣ ва ғ.) ба вуҷуд омаданд. Тадқиқи баъзе қонуниятҳои дар қатори ададҳои натуралӣ ҷойгир шудани ададҳои махсус то ҳол низ идома дорад ва як соҳаи математика – *назарияи ададҳоро* ташкил медиҳад. Дар математика, физика ва химия ададҳои доимие низ кашф гардидаанд, ки ба шарафи баъзе олимон номгузорӣ шудаанд (мас., *адади Авогадро, адади Непер,* адади Фарадей ва ғ.). А.-ҳои натуралӣ ғайр аз вазифаи асосӣ – ифодаи миқдори аломат (як, ду, се ва ғ.) вазифаи дигар – тартиби ашёро дар қатори ададҳо (якум, дуюм, сеюм ва ғ.) низ ифода мекунанд. Донишмандони Шарқ – *Умари Хайём* (а-ҳои 11 – 12), *Насируддини Тӯсӣ* (а. 13) ва *Ҷамшеди Кошонӣ* (а. 15) назарияи ададҳои бутуни мусбатро тартиб ва инкишоф доданд. Дар нимаи дуюми а. 19 математики немис Г. Кантор мафҳуми адади натуралиро дар асоси мафҳуми маҷмӯъ ва математики италиявӣ Ҷ. *Пеано* бо усули аксиомаҳо асоснок намуд. Масъалаи чен кардани бузургиҳо, ки аз муқоисаи онҳо бармеояд, боиси пайдо шудани мафҳуми ададҳои касрӣ гардид. Ҳисоби ададҳои касриро математикони Шарқ дар а-ҳои 8 – 9 низ истифода мебурданд, вале дар бораи ин ададҳо тасаввуроти возеҳ танҳо дар а. 16 пайдо шуд. Васеъшавии минбаъдаи мафҳуми А. натиҷаи инкишофи худи математика мебошад. Дар натиҷаи инкишофи алгебра, ки усулҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметикаро сарфи назар аз мазмуни воқеӣ ва натиҷаи он меомӯзад, мафҳуми ададҳои манфӣ пайдо шуд. Зарурати ба алгебра ворид намудани мафҳуми *ададҳои манфӣ* аз ҳалли муодилаҳои хаттӣ сар мазанад. Дар Ҳиндустон дар а-ҳои 6 – 11 ададҳои манфиро барои ҳал кардани масъалаҳои гуногун истифода мебурданд. Баъди тадқиқоти Р. *Декарт* (а. 17) мафҳуми ададҳои манфӣ пурра такмил ёфт. А.-ҳои бутун, касрӣ (мусбат ва манфӣ) ва сифр (нул) *ададҳои ратсионалӣ* ном гирифтанд. Маҷмӯи А.-ҳои ратсионалӣ барои тадқиқи бузургиҳои муттасил тағйирёбанда кифоя набуд. Мафҳуми *ададҳои ирратсионалӣ*, ки аз талаботи саҳеҳ ифода кардани нисбати бузургиҳо (мас., нисбати диагонали квадрат ба тарафаш) ба вуҷуд омад, бефосилагии қатори ададҳоро собит намуд. Маҷмӯи ададҳои ратсионалӣ ва ирратсионалӣ *ададҳои ҳақиқӣ* ном гирифтанд. Дар а.19 Р. *Дедекинд*, Г. *Кантор* ва К. *Вейерштрасс* назарияи қатъии ададҳои мазкурро ба вуҷуд оварданд (ниг. *Буриши Дедекинд*). Зинаи навбатии инкишофи мафҳуми А. ҷорӣ шудани мафҳуми *ададҳои комплексӣ* мебошад. Инкишофи минбаъдаи алгебра сабаби ба вуҷуд омадани мафҳуми А.-ҳои комплексӣ гардид. Аз ҳалли муодилаҳои квадратӣ ва кубӣ зарурати ворид намудани ин ададҳо бармеояд. Баъд аз корҳои Л. Эйлер ва К. Гаусс А.-ҳои комплексӣ на танҳо дар алгебра, балки дар *таҳлили математикӣ*, *назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ* аҳамияти калон пайдо карданд. Минбаъд мафҳуми А. дар соҳаҳои гуногуни математика таъмим гардид. Дар алгебра системаи объектҳое, ки хосияти онҳо то як андоза ба хосияти маҷмӯи ададҳои бутун ё ратсионалӣ монанд аст (мас., *гурӯҳ, ҳалқа, майдон*), омӯхта мешаванд. Ниг. низ *Ададҳои гиперкомплексӣ ва кватернионҳо.*

Ад.: Проскурянов И. Н., Число и многочлены, М., 1969; Виноградов И. М., Назарияи ададҳо, Д., 1990. *А.Комилӣ, А.Қурбонов.*

АДА́ДИ АВОГА́ДРО, адади молекулаҳо дар як мол модда (ба ифтихори физики италиявӣ *А. Авогадро* гузошта шудааст). Ишорааш N_A. А. А. яке аз муҳимтарин собитаҳои универсалии физика буда, борои муайян намудани аксар собитаҳои физикӣ (*Собитаи Болтсман*, Адади Фарадей ва ғ.) асос гардидааст. Усулҳои гуногуни муайян кардани А. мавҷуданд. Қимати маъмули А. А.-и аз рӯи шкалаи карбонии массаҳои атомӣ муайянгардида, чунин аст:

$N_A = (6{,}02252 \pm 0{,}00028) \cdot 10^{23}$ мол$^{-1}$.

АДА́ДИ АЛГЕБРАВӢ, ададест, ки решаи муодилаи алгебравии

$$a_1x^n + a_2x^{n-1} + \ldots + a_nx + a_{n+1} = 0,$$

[a_1, a_3,..., a_n, a_{n+1} – ададҳои бутун (ратсионалӣ) ва $n \geq 1$ аст] мебошад. Мас., 7/4, $\pm i$, $\sqrt{2}$ ададҳои алгебравианд, зеро мувофиқан решаҳои муодилаҳои алгебравии $4x-7=0$, $x^2+1=0$, $x^2-2=0$ мебошанд. Маҷмӯи ададҳои алгебравӣ маҷмӯи ҳисобӣ аст (ниг. *Назарияи маҷмӯъҳо*). Ададҳои алгебравӣ майдонро ташкил медиҳанд. Ададҳои ғайриалгебравиро ададҳои транссендентӣ меноманд.

АДА́ДИ БАРЪА́КС, ададест, ки ҳосили зарби он бо адади додашуда ба як баробар аст. Чунин ададҳоро мутақобилан баргардонда меноманд. Мас., 5, 1/5; –3/7, –7/3. Барои адади дилхоҳи a ($a \neq 0$) А. б.-и он $1/a$ ҳамеша мавҷуд аст.

АДА́ДИ ВО́ЛФ (адади байналхалқии доғҳои Офтоб, адади нисбии доғҳои офтобӣ, адади сюрихӣ), ададест, ки ба масоҳати умумии доғҳои дар вақти муайян намоёни сатҳи Офтоб тақрибан мутаносиб аст. Аз рӯи формулаи $w = к\,(10g + f)$ муайян карда мешавад, ки дар он g – миқдори гурӯҳҳои доғҳо ва f – миқдори доғҳои ҷудогона, $к$ – коэф. бамеъёрдарорӣ мебошад. А. В.-ро астрономи швейтсарӣ Р. Волф дар а. 19 ба астрономияи амалӣ ҷорӣ кардааст. А. В.-ро аксар барои муқоисаи хурӯҷи Офтоб, ионизатсияи қабатҳои болоии атмосфера, мушоҳидаи тағйир ёфтани майдони геомагнитӣ, фаҷри қутбӣ ва ғ. истифода мебаранд. А. В. яке аз нишондиҳандаҳои маъмули фаъолнокии Офтоб мебошад.

АДА́ДИ ДАРАҶАҲО́И ОЗОДӢ (дар механика), ҳаракати имконпазири байнан новобастаи системаҳои механикӣ. А. д. о. бо адади координатаҳои новобаста, ки ҳаракати системаро пурра ифода мекунанд, муайян карда мешавад. А. д. о. ба адад ва навъи пайвастҳое, ки дар система мавҷуданд, вобаста аст. А. д. о.-и системаи дорои n нуқтаҳои материалӣ ва r пайвастҳои геометрӣ, бо формулаи $S = 3n - r$ ҳисоб карда мешавад. Нуқтаи материалие, ки аз рӯи хати рост ҳаракат мекунад, як дараҷаи озодӣ, нуқтаи материалие, ки дар сатҳи ҳамвор ҳаракат мекунад, ду дараҷаи озодӣ дорад. Ҳаракати нуқтаи материалии озод дар се тири координата ба амал омада, вазъияташ ҳангоми ҳаракати пешравӣ бо ин координатаҳо муайян карда мешавад. Яъне нуқтаи мазкур се дараҷаи озодӣ дорад. Системае, ки аз ду саққои ба ҳам мазбут пайвастшуда иборат аст (мисли гантел), се ҳаракати пешравӣ (дар се тири координата) ва ду ҳаракати чархзанӣ дорад, чунин система панҷ дараҷаи озодиро дорост. Системае, ки аз се саққои мазбут пайвастшуда иборат аст, се ҳаракати пешравӣ ва се ҳаракати чархзанӣ дорад, пас вай шаш дараҷаи озодиро соҳиб аст. Ҷисми мутлақ сахти дар атрофи меҳвари беҳаракат чархзананда як дараҷаи озодӣ ва ҷисми сахти озод шаш дараҷаи озодӣ дорад. Дар назарияи кинетикии газҳои идеалӣ барои ҳисоб кардани А. д. о.-и молекулаҳо молекулаи якатомаро чун нуқтаи материалӣ, молекулаи дуатомаро чун гантел, молекулаи сеатомаро чун системаи механикии саққоӣ қабул мекунанд. Азбаски энергияи кинетикии миёнаи газ ба дараҷаҳои озодӣ баробар тақсим мешавад, бо назардошти А. д. о. *энергияи дохилӣ* ва гармигунҷоиши газро ҳисоб мекунанд.

АДА́ДИ МАВҶӢ, бузургиест, ки ба дарозии мавҷ λ бо таносуби $k=2\pi/\lambda$ (адади мавҷҳо дар дарозии 2π) вобаста аст. Воҳиди ченкунӣ – рад·м$^{-1}$. А.м. ба миқдори даврaҳои мавҷ, ки дар порчаи 2π метр меғунҷад, баробар аст. Дар *спектроскопия* бештар бузургии ба дарозии мавҷ баръакс $(1/\lambda)$-ро А. м. меноманд.

АДА́ДИ МАССАВӢ, миқдори умумии протонҳо ва нейтронҳо (ба истилоҳ нуклонҳо) дар ядрои атом. Одатан, бо ҳарфи А ишорат мекунанд. Барои нишон додани изотопи мушаххас А. м. аз тарафи чапи рамзи элемент дар боло гузошта мешавад. Мас., барои ^{232}Th (изотопи торий) А=232 аст. А ва заряди ядро Z, ки бо воҳидҳои *заряди электрикии элементарӣ* ифода ёфтаанд, таркиби ядрои атомро муайян мекунанд: Z протонҳо ва (А – Z) нейтронҳо. А. м. ба *массаи атомии* изотоп, ки бо воҳиди атомии масса (в. а. м.) ифода меёбад, наздик аст (фақат барои карбон ин бузургиҳо баробаранд). Дар дигар ҳолатҳо бар хилофи А. м. массаи атомӣ адади бутун нест. Изотопҳои А. м.-ашон якхела *изобар* номида мешаванд.

АДА́ДИ МУКАММА́Л, адади бутуни мусбат, ки ба ҳосили ҷамъи тақсимкунандаҳои дурусти худ (тақсимкунандаҳое, ки аз худи адад хурданд) баробар аст. Мас., ададҳои 6 (=1+2+3) ва 28 (=1+2+4+7+14) ададҳои мукаммаланд. Математики Юнони Қадим Уқлидус (а. 3 то м.) собит карда буд, ки ададҳои мукаммали чуфтро аз рӯи формулаи $2^{p-1}\cdot(2^p-1)$ ҳангоми ададҳои сода будани p ва $2^p - 1$ ёфтан мумкин аст. То имрӯз аз рӯи ин формула бо ёрии компютерҳо 47 адади мукаммалро ёфтаанд. Ададҳои мукаммали тоқ то ҳол маълум нестанд ва масъалаи мавҷудияти онҳо ҳанӯз бечавоб аст.

АДА́ДИ НАШР, тираж, дар матбаа ва нашриёт миқдори умумии нусхаҳои ҳар дафъаи нашри китоб, асар, сурат ва ғ.

АДА́ДИ НЕ́ПЕР, адади e, ҳудуде, ки ба он ифодаи ҳангоми $(1+1/n)^n$ беинтиҳо афзудани қиммати n майл мекунад, яъне:

$$e = \lim_{n\to\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^n = 2{,}718281828459045\ldots$$

e – асоси логарифми натуралӣ аст ва адади транссендентӣ мебошад. Транссендентӣ будани e-ро бори аввал математики франсавӣ Ш. Эрмит (1873) исбот кард. Дар илм бо номи адади Непер ё адади Эйлер маъмул аст.

АДА́ДИ НОМДО́Р, ададест, ки бо номи ягон воҳиди ченкунӣ муштарак меояд (мас., 5 м, 7 кг ва ғ.); ба адади муҷаррад муқобил гузошта мешавад (мас., 5, 7). Агар А. н. як воҳиди ченкунӣ дошта бошад, А. н.-и сода ва агар якчанд воҳиди ченкунӣ дошта бошад, А. н.-и таркибӣ меноманд. Мас., А. н.-и 5 м 67 см таркибӣ аст, ки ба А. н.-и содаи 567 см баробар мебошад.

АДА́ДИ РАТСИОНАЛӢ, ададе, ки дар шакли m/n (m ва n – ададҳои бутун) ифода шуда метавонад. Азбаски адади бутуни m-ро дар шакли $m/1$ навиштан мумкин аст, ҳамаи ададҳои бутун ратсионалӣ мебошанд. Дар маҷмӯи ададҳои ратсионалӣ амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим (агар тақсимкунанда сифр набошад) ҳамеша иҷрошавандаанд, яъне маҷмӯи ададҳои ратсионалӣ майдонро ташкил медиҳанд (ниг. *Майдони алгебравӣ*). Қоидаҳои асосии иҷрои амалҳо бо ададҳои ратсионалӣ ба воситаи формулаҳои зерин ифода мешаванд:

$$\frac{m}{n}=\frac{km}{kn},\ (k\neq 0);\quad \frac{m}{n}\pm\frac{p}{q}=\frac{mq\pm np}{nq};$$

$$\frac{m}{n}\cdot\frac{p}{q}=\frac{mp}{nq};\quad \frac{m}{n}:\frac{p}{q}=\frac{mq}{np}$$

Ададҳои ратсионалӣ инчунин дар шакли касрҳои даҳии охирнок ё беохири даврӣ ифода шуда метавонанд. Ҳар гуна адади ирратсионалиро дар байни ду адади ратсионалӣ, ки фарқи байни онҳо беинтиҳо хурд аст, ҷой додан мумкин аст.

АДА́ДИ РЕ́ЙНОЛДС, бузургии беандоза, ки хусусияти ҷоришавии моеъ (газ)-ро муқаррар мекунад; яке аз меъёрҳои асосии тавсифоти ҷоришавии моеъҳо мебошад. Ба шарафи олими англис О. Рейнолдс (1842 – 1912) номида шудааст. Формулаи А. Р. чунин намуд дорад: $Re = \rho v l/\mu$, ки дар ин ҷо ρ – зичии моеъ, μ – коэф.-и динамикии ғилзати моеъ, υ – суръати миёнаи ҷараён, l – андозаи хаттии ба маҷро хос (мас., ҳангоми дар найчаи устувонашакл ҷорӣ шудани моеъ – қутри найча). Мувофиқи формула А. Р. нисбати қувваи инерсионии воҳиди ҳаҷми моеъро бар қувваҳои ғилзатӣ, ки дар ҳудуди он ҳаҷм гузошта шудаанд, ифода мекунад. Ҳар як низоми ҷоришавии моеъ А. Р.-и ба худ хос дорад. Қимати А. Р., ки дар он ҷараёни ламинарӣ ба турбулентӣ бадал мешавад, адади бӯҳронии Рейнолдс ном дорад. Ҳангоми $Re > Re_{бӯҳронӣ}$ будан ҷараён турбулентӣ ва ҳангоми $Re < Re_{бӯҳронӣ}$ будан ҷараён ламинарӣ

ҳаракат мекунад. Қимати бӯҳронии А. Р. барои найчаҳои устувонашакл ба 2320, барои каналҳои кушод ба 900 баробар аст. А. Р. ҳар қадар хурд бошад, қувваҳои ғилзатӣ ҳангоми ҳаракати моеъ ҳамон андоза роли муҳим мебозанд. А. Р. ҳангоми моделсозии ҳодисаҳои гидроаэродинамикӣ аҳамияти калон дорад.

АДА́ДИ ТАҲВИ́Л, нисбати суръати узви барандаи механизм ба суръати узви пайрави он. Ҳангоми чархзании навардҳо ифодаи А. т. чунин аст:

$$I = \frac{\omega_1}{\omega_2} = \frac{n_1}{n_2}$$

ки дар он w_1 ва n_1 – суръати кунҷӣ ва адади гардиши наварди баранда, w_2 ва n_2 – суръати кунҷӣ ва адади гардиши наварди пайрав мебошад. А. т.-ро бо андозаҳои геометрии механизм, ки тарҳи онро тавсиф медиҳанд, низ ифода кардан мумкин аст. Мас., барои таҳвили фриксионӣ ё тасмагии устувонашакл А. т. чунин аст: $i=D_2/D_1$, дар он D_2 – қутри шкиви пайрав ва D_1 – қутри шкиви дохилӣ; барои таҳвили чархҳои дандонадор $i=z_2/z_1$ аст, ки дар он z_2 – адади дандонаҳои чархи пайрав, z_1 – адади дандонаҳои чархи баранда мебошад.

АДА́ДИ ТРАНССЕНДЕНТӢ, ададе, ки барои ҳеҷ як бисёрузваи коэффитсиентҳояш бутун реша шуда наметавонад. Ба ибораи дигар А. т. адади ғайриалгебравӣ мебошад. Мавҷудияти А. т.-ро бори аввал Ж. Лиувилл (1844) муқаррар кардааст. Дертар, с. 1874 Г. Кантор вуҷуд доштани ададҳои транссендентиро чун натиҷаи шуморишпазир будани маҷмӯи ададҳои алгебравӣ собит намуд. Азбаски маҷмӯи ададҳои ҳақиқӣ шуморишнопазир аст, пас ададҳои транссендентӣ вуҷуд доранд ва маҷмӯи онҳо иқтидори континуумро дорад. Ҳар А. т. ирратсионалӣ мебошад, лекин на ҳамаи ададҳои ирратсионалӣ транссендентианд. Мас., адади ирратсионалии $\sqrt{2}$ адади транссендентӣ нест, зеро он ҳалли муодилаи алгебравии $x^2-2=0$ мебошад. Соли 1873 Ш. Эрмит транссендентӣ будани *адади Неперро* исбот кард.

АДА́ДИ ФУРЙЕ́, яке аз меъёрҳои шабоҳати равандҳои тағйирёбандаи ҳарорат. А. Ф. таносуби байни суръати тағйирёбии шароитҳои ҳароратиро дар муҳити зист ва суръати дигаршавии майдони ҳароратро дар дохили системаи муоинашаванда (ҷисм), ки ба андозаҳои ҷисм ва коэф-и гармигузаронии он вобаста аст, нишон медиҳад. А. Ф. бо *Fv* ишора ва бо формулаи $Fv=at_o/l$ ҳисоб карда мешавад, ки дар ин ҷо $a=\lambda/\rho c$ –коэф-и гармигузаронӣ, ρ – зичӣ, l –андозаи хоси хаттии ҷисм, t_0 – вақти хоси тағйирёбии шароитҳои беруна мебошад. Ба ифтихори физик ва математики франсавӣ Жан Фурйе номида шудааст.

АДА́ДИ ШМИ́ДТ, яке аз меъёрҳои шабоҳати ҳаракати моеъ ё газ, ки дар онҳо равандҳои соиш ва диффузия бартарӣ доранд. А. Ш. ба нисбати коэффитсентҳояш ғализии кинематикии моеъ ё газ ν бар коэф. диффузия D баробар аст: $Sc = \frac{\nu}{D}$

ки дар ин ҷо $\nu = \mu/\rho$ (μ – коэф-и ғализӣ, ρ – зичӣ) мебошад. А. Ш. таъсири нисбии равандҳои молекулавии интиқоли миқдори ҳаракат ва интиқоли массаи ғашҳоро ба тавассути диффузия тавсиф медиҳад. Дар газҳои мукаммал $S_c=1$, аст, чунки $\nu = D$ мебошад; дар газҳои ҳақиқӣ вай аз 1 фарқ дошта метавонад. Ба ифтихори В. М. *Шмидт* номида шудааст. А. Ш.-ро бузургии диффузиявии ададҳои Прандтл низ номида, бо Pt_p ишорат мекунанд.

АДА́ДИ Э́ЙЛЕР, дар физика яке аз меъёрҳои шабоҳати ҳаракати моеъ ё газро гӯянд. Таносуби байни қуввахои фишор, ки ба ҳаҷми камтарини моеъ ё газ таъсир мерасонад ва қуввахои инерсиявиро нишон медиҳад. А. Э. (*Eu*)-ро бо формулаи зерин муайян мекунанд:

$$E_u = \frac{2(p_v - p_t)}{\rho v^2}$$

(баъзан $2p/\rho v^2$), ки дар ин ҷо p_v, p_t – фишорҳо дар ду нуқтаи хоси ҷараён (ё ҷисми дар он ҳаракаткунанда), $\rho v^2/2$ – фишори суръатнок, ρ – зичии моеъ ё газ, v – суръати ҷараён (ё суръати ҷисм) мебошад. Дар математика собитаи математикӣ, асосан логарифми натуралӣ, адади транссендентӣ (e). А. Э.-ро баъзан адади Непер меноманд. А. Э. дар ҳисоби дифференсиалӣ ва интегралӣ ва диг. қисмҳои математика роли калон мебозад. Ба ифтихори математик, астроном ва физики швейтсариягӣ Л. *Эйлер* номида шудааст.

АДАДҲО́И БАЙНА́Н СОДА́, якчанд адади бутунро гӯянд, ки тақсимкунандаи умумии онҳо танҳо +1 ё –1 аст. Агар ҳар кадоми ин ададҳо бо дигараш байнан сода бошад, онҳоро ҷуфт-ҷуфт сода меноманд. Мас., ададҳои 6, 10 ва 15 байнан содаанд, вале ҷуфт-ҷуфт сода нестанд, ададҳои 5, 7 ва 16 ҷуфт-ҷуфт содаанд. Хурдтарин тақсимкунандаи каратии умумии ададҳои ҷуфт-ҷуфт содаи a_1, a_2…, a_n ба ҳосили зарби худи онҳо $a_1 \cdot a_2 \cdot \ldots \cdot a_n$ баробар аст.

АДАДҲО́И БУТӮ́Н, яке аз унсурҳои маҷмӯи ададии $\{0, \pm1, \pm2, \ldots, \pm n\}$, ки ин ҷо n – адади натуралӣ мебошад. Адади бутун – адади ратсионалие, ки махрачаш баробари 1 аст. Маҷмӯи А. б. нисбат ба амалҳои ҷамъ, тарҳ ва зарб *ҳалқа*ро ташкил медиҳад, яъне ҳосили ҷамъ, тарҳ ва зарби ададҳои бутун адади бутун аст.

АДАДҲО́И ГИПЕРКОМПЛЕКСӢ, таъмими мафҳуми ададҳост, ки дар натиҷаи кӯшиши ба мафҳуми адади комплексӣ умумият додан ва сохтани системаи ададӣ дар фазои бисёрченаи векторӣ ба вуҷуд омадааст. Маълум аст, ки ба ҳар як адади комплексӣ як нуқтаи ҳамворӣ мувофиқ меояд ва амалҳо бо ададҳои комплексӣ ягон намуди табдили ҳамвориро ифода мекунанд. Дар ҷараёни сохтани системаи ададҳое, ки дар фазои сечена мисли ададҳои комплексӣ дар ҳамворӣ амал карда тавонанд (яъне ягон табдили геометриро дар фазои сечена ифода намоянд), маълум гашт, ки ҳалли ин масъала аз ҳалли масъалаҳо дар фазои дучена ба куллӣ фарқ мекунад. Чунин ҳолат ба эҷоди системаи А. г. сабаб шуд.

А. г. комбинатсияҳои хаттии (бо коэффитсиентҳои ҳақиқии) ягон системаи «воҳидҳои базисии» e_1, e_2..., e_n мебошанд:

$$x_1e_1 + x_2e_2 + \ldots + x_ne_n (*)$$

(ба мисли он, ки ададҳои комплексии намуди $x+iy$ комбинатсияи хаттии ду «воҳиди базисӣ»-и адади ҳақиқии 1 ва воҳиди мавҳум i мебошанд). Агар амалҳои ҷамъ ва тарҳ барои ин гуна ададҳо мувофиқи қоидаҳои ҷамъ ва тарҳи комбинатсияҳои хаттӣ муқаррар карда шаванд, тамоми хосиятҳои маъмули ин амалҳо (аз ҷумла, *коммутативӣ* ва *дистрибутивӣ* будан) нигоҳ дошта мешаванд. Мушкилиҳо ҳангоми истифодаи амали зарб ба вуҷуд меоянд: яъне барои ёфтани ҳосили зарби ду адади намуди (*) аз баъзе хосиятҳои амали зарб, мас., аз хосияти коммутативӣ будани он даст бояд кашид. Яке аз мисолҳои А. г. *кватернионҳо* мебошанд. *Н. Қозиҷонова.*

АДАДҲО́И ИРРАТСИОНАЛӢ, ададҳое, ки ратсионалӣ, яъне бутун ё касрӣ нестанд. А. и.-и ҳақиқиро бо касри даҳии беохири ғайридаврӣ ифода кардан мумкин аст; мас.,

$$\sqrt{2} = 1{,}41\ldots, \pi = 3{,}14\ldots$$

Мавҷудияти нисбати ирратсионалӣ (мас., нисбати дарозии диагонали квадрат бар дарозии тарафи он) аз

замонҳои қадим маълум буд. Аммо назарияи дақиқи А. и.-ро дар нимаи дуюми а. 19 математики немис *Р. Дедекинд* (ниг. *Буриши Дедекинд*) пешниҳод намуд. А. и. ба *ададҳои алгебравии* ғайриратсионалӣ ва *адади транссендентӣ* чудо мешаванд.Ниг. низ *Адад.*

АДАДҲО́И КВАНТӢ, ададҳои бутун (0, 1, 2, …) ва нимбутун (1/2, 3/2, 5/2, …), ки қиматҳои дискретии имконпазири бузургиҳои физикии системаҳои квантӣ – ядрои атом, атом (молекула) ва баъзе зарраҳои бунёдиро ифода мекунанд. Баъзе А. к. бо ҳаракати зарра дар фазо алоқаманд буда, тақсимоти фазоии функсияи мавҷии онро тавсиф медиҳанд [(мас., А. к.-и электрон дар атом радиалӣ ё асосӣ (n_r), мадорӣ (l) ва магнитӣ (m)]. Қисми дигари А. к. бо ҳаракат дар фазо алоқаманд набуда, ҳолати «дохилаи» зарраҳоро тавсиф медиҳанд. Ба чунин А. к. спин ва проексияи он дохил мешаванд. Дар физикаи ядро инчунин А. к. изоспин (I ё Iz), дар физикаи зарраҳои бунёдӣ – ранг, малоҳат (C), фаттоният (B´) ва воқеият (T)-ро ифода мекунад. Татбиқи А. к. дар механикаи квантӣ дискретӣ будани равандҳоеро, ки дар микроолам ба вуқӯъ меоянд, нишон медиҳад ва бо мавҷудияти кванти таъсир ё собитаи Планк зич алоқаманд аст. А. к. бори аввал (1913) барои баён кардани қонуниятҳои тайфҳои атомӣ, ки дар тачриба кашф шудаанд, ба физика дохил карда шуд. Аммо моҳияти А. к. ва дискретии баъзе бузургиҳои ба онҳо вобастаеро, ки динамикаи микрозарраҳоро тавсиф медиҳанд, танҳо механикаи квантӣ ошкор кард. Ниг. *Атом.*

АДАДҲО́И КОМПЛЕКСӢ, ададҳои намуди $a+ib$, ки ин ҷо a ва b ададҳои ҳақиқӣ буда, бо аломати i – воҳиди мавҳум (ададе, ки квадрати он ба –1 баробар аст) ишора шудааст; a – қисми ҳақиқӣ (ишорааш $a=Re z$) ва b – қисми мавҳуми (ишорааш $b=Im z$) адади комплексии $z=a+ib$ номида мешавад.

Ададҳои ҳақиқӣ ҳолати хусусии А. к. мебошанд (ҳангоми $b=0$). А. к.-еро, ки ҳақиқӣ нестанд ($b\neq0$), ададҳои мавҳум меноманд. Ҳангоми $a=0$ будан А. к. адади соф мавҳум номида мешаванд. А. к.-и $z=a+ib$ ва $z=a–ib$-ро ададҳои пайвасти комплексӣ меноманд. Амалҳои арифметикӣ бо А. к. мувофиқи қоидаҳои амалҳо бо бисёрузвҳо (бо дарназардошти баробарии $i^2=–1$) ичро карда мешаванд. Ба сифати тасвири геометрии А. к. $a+ib$ нуқтаи ҳамворӣ, ки координатаҳои декартиаш a, b мебошанд, хизмат карда метавонад. Агар координатаҳои қутбии ин нуқтаро бо r ва φ ишора кунем, тасвири тригонометрии А. к. ҳосил мешавад: $z=r(cos\varphi+isin\varphi)$, ки ин ҷо r-ро модул ($r=|z|$) ва φ-*ро* аргументи А. к. меноманд ($\varphi=arg z$). Шакли тригономериии А. к. барои дараҷабардорӣ ва решагирӣ аз адади комплексӣ хеле қулай аст. Шакли нишондиҳандагии адади комплексӣ $z=r\cdot e^{i\varphi}$, ки бо формулаи Эйлер $e^{i\varphi}=cos\varphi+isin\varphi$ зич алоқаманд аст, низ дар бисёр мавридҳо муфид мебошад. Истилоҳи «А. к.»-ро бори аввал математики немис К. *Гаусс* (1831) пешниҳод кардааст. Мафҳуми А. к. ба рушди минбаъдаи таҳлили математикӣ таъсири бузург расонд. Ниг. низ *Функсияҳои таҳлилӣ.*

М. Ширинбеков.

АДАДҲО́И МАВҲУ́М, ададҳои намуди $x+iy$-ро гӯянд, ки дар ин ҷо $i=\sqrt{-1}$, x ва y – ададҳои ҳақиқӣ, $y\neq0$ аст. А. м. ададҳои ҳақиқӣ нестанд. А. м. намуди iy ададҳои сирф мавҳум номида мешаванд. Баъзан фақат худи iy-ро А. м. меноманд.

АДАДҲО́И МАНФӢ, ададҳои ҳақиқии аз сифр хурдро гӯянд. Мас., –1; –2; –0,3; $-\pi$ ва ғ. Ниг. низ *Адад.*

АДАДҲО́И МУҚОБИ́Л, ду ададест, ки қиматҳои мутлақашон баробар, вале аломатҳояшон гуногунанд. Мас., 4 ва – 4.

АДАДҲО́И МУСБА́Т, ададҳои ҳақиқии аз сифр калонро гӯянд. Ниг. *Адад.*

АДАДҲО́И ПИФАГО́Р, сегонаи ададҳои натуралии x, y ва z -ро гӯянд, ки муодилаи $x^2+y^2=z^2$-ро қонеъ мегардонанд (мас., ададҳои 3, 4, 5 сегонаи А. П.-ро ташкил медиҳанд). Секунҷаҳое, ки дарозии тарафҳояшон ба ин ададҳо мутаносиб (ё баробар) аст, секунҷаҳои росткунҷа мебошанд. Ҳамаи сегонаҳои ададҳои байнан содаи Пифагорро бо формулаҳои $x=m^2–n^2$, $y=2mn$, $z=m^2+n^2$ (m ва n - ададҳои бутуни мусбат) ёфтан мумкин аст.

АДАДҲО́И СОДА́, ададҳои бутуни мусбати аз як калонро гӯянд, ки ғайр аз худашон ва адади 1 дигар тақсимкунандае надоранд. Мас. 2, 3, 5, 7, 11, 13 ва ғ. Мафҳуми А. с. дар омӯхтани тақсимшавандагии ададҳои натуралӣ (ададҳои бутуни мусбат) роли муҳим мебозад. Маҳз теоремаи асосии назарияи тақсимшавандагӣ исбот мекунад, ки ҳар адади бутуни мусбатро (ғайр аз 1) фақат бо як тарз ба зарбкунандаҳои аз А. с. иборатбуда ҷудо кардан мумкин аст. Шумораи А. с. беинтиҳо зиёд мебошад, ки инро математики Юнони Қадим Уқлидус (а. 3 то м.) исбот карда буд. Ҷойгиршавии А. с. дар қатори ададҳои натуралӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва душвори *назарияи ададҳо* ҳисоб мешавад. Дар ин бобат тадқиқоти П. Л. *Чебишев* ҷолиби диққатанд. Калонтарин адади содае, ки с. 2009 муқаррар шудааст, $2^{43112609}-1$ мебошад. Дар системаи дахӣ он аз 12 978 189 рақам иборат аст.

АДАДҲО́И ҲАҚИҚӢ, ададҳои мусбат, манфӣ ё сифрро гӯянд. А. ҳ. ратсионалӣ ва ирратсионалӣ мешаванд. Назарияи дақиқи А. ҳ., ки дар асоси ададҳои ратсионалӣ ададҳои ирратсионалиро муайян мекунад, дар нимаи дуюми а. 19 ба туфайли тадқиқоти К. *Вейерштрасс*, Р. *Дедекинд* ва Г. *Кантор* ба вуҷуд омад. Маҷмӯи ҳамаи А. ҳ.-ро хати рости (тири) ададӣ номида, бо R ишора мекунанд. Маҷмӯи мазкур ба таври хаттӣ мураттабшуда мебошад ва нисбат ба амалҳои асосии арифметикӣ (ҷамъ ва зарб) майдонро ташкил медиҳад. Тири ададӣ ба хати рости геометрӣ монанд аст, яъне миёни ададҳои маҷмӯи R ва нуқтаҳои хати рости геометрӣ вобастагии мутақобилан якқиматаро муқаррар намудан мумкин аст. Хосияти муҳимтарини тири ададӣ бефосилагии он аст. Назарияи ҳудудҳо, ки бунёди таҳлили математикиро ташкил медиҳад, ба хосиятҳои тири ададӣ такя менамояд. Ниг. низ *Адад.*

АДА́ЖИО, ададжо (итал. adagio – оҳиста, ором), дар мусиқӣ: 1) ифодаи суръати ором, шабеҳ ба қадаммонии суст. Ин истилоҳро а. 17 дар Италия барои ифодаи ибтидои суръати мавзуни мусиқӣ истифода кардаанд. Дар а. 19 маънои пешинаи А. тағйир ёфта, минбаъд суръати оҳистаю ороми мусиқиро ифода мекардагӣ шуд; 2) ифодаи пйесаҳое, ки дар ин суръат эҷод шудаанд ва номи муайян надоранд. А. дар осори классикони Вена ва романтикон барои ифодаи эҳсосоти лирикӣ истифода мешуд. Қисман дар услуби А. сарахбори асарҳои симфонии классикӣ (мас. симфонияи № 104-и И. Гайдн, № 39-и В.Мотсарт, № 1, 2, 3, 4-и Л. Бетховен ва диг.) навишта шудаанд; 3) рақси мавзуну ором дар балет ба монанди рақси якка ва дукасаи (дуэти) классикӣ; 4) қисми дарси рақси классикӣ, ки машқҳои мавзуну ором дошта, барои баланд бардоштани малакаю маҳорати раққосӣ ба шогирдон кумак менамояд. Дар эҷодиёти

композиторони тоҷик низ мавқеи муайян дорад. Ф. Баҳор қисми сеюми симфонияи № 2-и худро дар шакли А. эҷод кардааст. Балетҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян, «Марги судхӯр», «Рубоиёти Хайём», «Хотираи дил»-и Т. Шаҳидӣ дорои А.-ҳои балетианд. Т. Шаҳидӣ А.-ро дар кантатаи хореографии «Ибни Сино» низ истифода бурдааст. *Ш. Ҳабибов.*

АДА́ЛИС (насаби аслиаш Ефрон) Аделина Ефимовна (26. 7. 1900, Петербург – 13. 8. 1969, Москва), шоира ва тарҷумони рус. Ин-ти олии адабию бадеии ба номи В. Я. Брюсовро хатм намудааст (1923). Дар ин-ти номбурда, Комиссариати маорифи халқ, шӯъбаи адабиёти оммавии Нашриёти давлатӣ (1920 – 25) ва редаксияи адабиёт ва санъати «Большая Советская Энсиклопедия» (БСЭ) кор кардааст. Ба Осиёи Миёна, кишварҳои Моварои Кавказ таваҷҷӯҳи хосса дошт ва дар таассуроти сафарҳояш ба ин кишварҳо асарҳо офаридааст: маҷмӯаҳои ашъори «Ватан» (1934), «Бародарӣ» (1937), «Уқёнуси Шарқ» (1949), романи саргузаштии «Абҷад, ҳавваз, ҳуттӣ» (1927, ҳамроҳи И. Сергеев), китоби «Сафари регзор» (1929) ва ғ. А. ашъори Носири Хусрав, Сайидои Насафӣ, Камоли Хуҷандӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро ба русӣ тарҷума кардааст. Нахустин тарҷумаи русии шеъру достонҳои М. Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон» (1947), «Арӯс аз Москва», «Ганҷинаи сурудҳо» (ҳар ду 1957) ба қалами ӯ тааллуқ доранд. А. инчунин асарҳои М. Миршакар «Шеърҳо ва достонҳо» (1949, ҳамроҳи И. Сергеев), достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» (1947) ва «Ленин дар Помир»-ро (1955) ба русӣ гардондааст.

Ад.: Каганович С., Голоса поэтов Востока в творчестве Аделины Адалис, дар кит. Мастерство перевода, М., 1977. *А. Горбачевский.*

АДАМА́Р (Hadamard) Жак (8. 12. 1865, Версал – 17. 10. 1963, Париж), математики машҳури франсавӣ. Узви Академияи Илмҳои Париж (1912), узви хориҷии Академияи Илмхои СССР (1929). Бо тадқиқоташ дар соҳаҳои гуногуни математика, назарияи ададҳо машҳур аст. Проблемаи П. А. Чебишевро оид ба қонуни асимптотии тақсимоти ададҳои сода ҳал карда, дар бунёди назарияи функсияҳои таҳлилии бутун саҳми калон гузошт. Дар назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ натиҷаҳои муҳим ба даст овард. Ғояҳои ӯ ба пайдоиши таҳлили функсионалӣ таъсири калон расонданд.

АДА́МИ ҲУЗУ́Р (алиби) (аз лот. alibi – дар ҷои дигар), дар ҳуқуқи ҷиноятӣ исботи мустақими ҳузур надоштани муҷрим – шахси шубҳанок ё судшаванда дар ҷойи ҷиноят дар лаҳзаи содир шудани он. А. ҳ. танҳо далели аз тарафи шахси муайян дар ҷойи ҳодиса содир намудани амали мушаххаси ҷиноиро таъйид менамояд. Агар шахс ибтикорманди ҷинояти содиршуда бошад, ӯро аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод намекунад. А. ҳ. бояд ҳаматарафа ва дақиқан бо дигар далелу исботҳо санҷида шавад. Ба ҳайси исботи мустақим А. ҳ. бояд ё комилан тасдиқ гардад ё билкулл рад карда шавад.

АДАМСИ́Т, $HN(C_6H_4)_2AsCl$, хокаи кристаллии зард. Ҳарор. гуд. 195°C; дар об ҳал намешавад, дар бисёр ҳалкунандаҳои органикӣ бад ҳал мешавад; аз чиҳати химиявӣ устувор аст. А.-ро аз дифениламин $(C_6H_5)_2NH$ ва сехлориди арсен (марги муш) ё аз хлоргидрати дифениламин $(C_6H_5)_2NH{\cdot}HCl$ ва ангидриди кислотаи арсенит As_2O_3 ҳосил мекунанд. А. роҳҳои болоии нафасро меангезад. Дар ох. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ чун моддаи захрнок барои истифода пешниҳод шуда буд.

АДА́Н, шаҳр дар Ҷумҳурии Яман. Бандари асосии Баҳри Араб дар назди гулӯгоҳи Боб-ул-Мандаб. Маркази маъмурии музофоти Адан. Аҳолиаш 800 ҳаз. нафар (2008). Бандари транзитӣ ва бо сӯзишворӣ пур кардани киштиҳо. Аэропорти аҳамияти байналхалқӣ дорад. Таърихаш ба ҳазорсолаи якуми то м. мерасад. А. яке аз марказҳои бузурги тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳайати давлатҳои ҷанубии Арабистони қадим дохил буд. Дар а. 7 дар ҳайати давлатҳои мухталифи мусулмонии Арабистон қарор дошта, аз а. 15 зери тасарруфи Империяи Усмонӣ буд. Соли 1839 Англия онро забт намуда, ҳамчун пойгоҳи ҳарбии баҳрӣ ва баъдтар ҳарбии ҳавоӣ ба мақсади васеъ кардани мулкҳои худ дар Арабистони ҷанубу ғарбӣ ва Шарқи Миёна истифода кард (то с. 1967). Соли 1963 А. ба ҳайати Федератсияи Арабистони Ҷанубӣ дохил карда шуд. Соли 1967, баъди ғалабаи инқилоби озодихоҳии миллӣ қӯшунҳои англисро аз А. берун карданд. Солҳои 1967 – 90 пойтахти Ҷумҳурии Халқии Ямани Ҷанубӣ буд. Аз с. 1990 дар ҳайати Ҷумҳурии Яман. А. аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ва пешрафти иқтисодӣ дар мамлакат ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Корхонаҳои софкории нефт, таъмири киштиҳо, истеҳсоли пластмасса, иттиҳодияҳои истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ ва коркарди тамоку дорад. Қисми қадимии шаҳр дорои кӯчаҳои танг ва биноҳои паст аст. Дар А. донишгоҳ, музейи таърихӣ ва театр мавҷуданд. Ёдгориҳои таърихии А.: Қалъаи Сир (а. 5) ва иншооти бузурги Ас-Сахариг (а. 5), ки обҳои боронро дар худ ҷамъ намуда шаҳрро аз обхезӣ эмин медорад.

АДАПТА́ТСИЯ (аз лот. adaptation – мутобиқат, созгорӣ), қобилияти ба шароити муҳит мутобиқ гаштани мавҷудот. Дар натиҷаи А. мавҷудот ҳангоми тағйир ёфтани шароити сукунат аз маҳвшавӣ эмин мемонад. Дар ҷараёни таҳаввулот аксар аломату хусусиятҳое, ки дар як шароит ба вуҷуд меоянд, дар шароити нав нодаркор ва ҳатто зарарнок мешаванд. Таҳаввулоти дивергентӣ ва конвергентӣ навъҳои А. мебошанд. Ҳангоми таҳаввулоти дивергентӣ аз як сарнасли умумӣ мавҷудоти ҷойи сукунаташон гуногун инкишоф меёбанд. Мас., ҳамаи ҳайвоноти ширхӯри ҳамроҳакдор, ки дар шароити гуногун зиндагӣ мекунанд (гавазну заргӯш дар рӯи замин, маймуну санҷоб дар дарахт, кит дар об ва ғ.), аз ҷонварони панҷадори ҳашаротхӯр ба вуҷуд омадаанд. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи А. миқдор ва шакли дандонҳо, дарозӣ ва миқдори устухонҳои дасту по, зичӣ ва ранги мӯйи онҳо тағйир ёфтаанд. Дар аснои таҳаввулоти конвергентӣ намуди зоҳирии баъзе ҳайвоноте, ки пайдоишашон гуногун аст, бинобар якхела будани шароити зиндагӣ монанд мешавад. Мас., пойҳои кӯрмуш ва калламуши халтадор дар натиҷаи А. барои заминканӣ мувофиқ гаштаанд, ҳол он ки ғизои кӯрмуш ҳашарот буда, ғизои калламуши халтадор ҷонвари хоянда аст. Организмҳо аз нигоҳи физиологӣ низ ба шароити сукунат мутобиқ мешаванд. Мас., дар натиҷаи А. баъзе ҳайвонот ба хоби зимистона мераванд, парандаҳо ба мамлакатҳои гарм мекӯчанд ва ғ.

АДА́ПТЕР (англ. *adapter*, лот. *adapto* – мувофиқ мекунам), афзор, асбоб ё олотест барои пайваст намудани асбобҳое, ки тарзи дигари ба ҳам мувофиқи пайвастшавӣ надоранд. 1) Дар информатика А. афзорест барои мувофиқат кардани мошинҳои ҳисоббарор (аз ҷумла компютери фардӣ) бо афзори беруна; воситаҳои мувофиқат кардани афзори гуногуни мошинҳои ҳисоббарор, аз ҷумла ҳисобмошинҳое, ки усулҳои гуногуни пешниҳоди маълумотро истифода ме-

намоянд. А. дар комютерҳои фардӣ барои зиёд намудани имкониятҳои он низ пайваст карда мешавад. 2) Дар техникаи аккосӣ А. кассетаи иловагии аппарати аксбардорӣ мебошад, ки истифодаи маводи ба рӯшноӣ ҳассоси шакл ва иҷроишашон гуногуни бо сохти он пешбининашударо имконпазир мегардонад; афзорест барои ба аппарати аксбардорӣ пайваст кардани объективҳои ивазшавандаи пайвасткуниашон ғайримуқаррарӣ. 3) Дар техникаи сабти овоз А. садобардорест, ки лаппишҳои механикии сӯзанро (ҳангоми давр задани он) ба лаппишҳои электрикии басомади савтӣ табдил медиҳад. 4) Дар техникаи электрикӣ А. афзорест барои табдил додани параметрҳои шиддат ва ҷараёни шабакаи электрикӣ ба шиддат ва ҷараёни кори асбоби электронӣ ё асбоби маишии электрикии рӯзгор.

Б. Қурбонов.

АДА́С, ниг. *Наск.*

АДА́Ш ИСТА́Д (тав. 7. 9. 1946, деҳаи Ӯрташиқиноҳ. ва вил. Самарқанд), нависандаи тоҷик. Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1969). Ходими адабии г. «Комсомоли Тоҷикистон» (1969 – 73), корманди Радиои Тоҷикистон (1974 – 81), мудири шӯъба ва муовини муҳаррири г. «Маданияти Тоҷикистон» (1981 – 93). Соли 1993 ба Самарқанд кӯ-чида, то с. 2010 дар г. тоҷикии «Самар-қанд» кор кард. Аз с. 2010 бознишаста ва машғули кори эҷодист. Ҳикояҳои нахустинаш дар миёнаи с-ҳои 60 а. 20 ба табъ расидаанд. Аз оғози фаъолияти эҷодӣ А. И. ба навъи адабии фантастикаи илмӣ ва афсонаи адабӣ рӯй овард ва дар рушду такомули ин соҳаи адабиёт саҳми арзишманде дорад. Ҳикояҳову қиссаҳои фантастикиаш дар маҷмӯаҳои «Мавҷи хаёлот» (1970), «Суруди офтоб» (1974), «Замир» (1978), «Дарахти пахтачормағз» (1981), «Баъди ҳазор сол» (1988). «Парвози меъмор» (1989), «Чароғи сеҳрнок» (1990) ва ғ. фароҳам омадаанд. Ба жанри таърихӣ рӯй овардааст (китоби «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад», 1990). А. И. нависандаи ҳаҷвнигори моҳир аст. Ба қалами ӯ ҳикояҳои ҳаҷвӣ, мазҳакаҳои «Кӯса» (1995), «Шайтонпарӣ» (1996) ва ғ. тааллуқ доранд. Дар назм ҳам қувваозмоӣ карда ба комёбиҳо ноил гардидааст (маҷм. асарҳои манзуму мансураш «Оҳангҳои Самарқанд», 2008). Оид ба таърихи гузаштаи Самарқанд шеърҳо навиштааст; маҷмӯаи ҳикояҳояш ба номи «Армуғон» бо ҳаммуаллифии Ғ. Маҳмудов с. 2007 дар Тошканд ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ чоп шудааст. А. И. публитсисти маъруф аст. Мақолаҳои бисёре оид ба эҳёи суннатҳои миллӣ, мақоми забони тоҷикӣ, ҳифзу рушди фарҳанги миллӣ ва ғ. нигоштааст. Намунаҳои осораш ба забонҳои русӣ, украинӣ, белорусӣ, чехӣ, озарбойҷонӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1979.



Ё. Назармамадов.

АДВА́ЙТА-ВЕДА́НТА (санскр. адвайта – номусанно), ҷараёни динию фалсафии Ҳиндустони Қадим, як намуди веданта, ки монизми босуботро қоил аст. Машҳуртарин намояндааш Шанкара (ох. а. 8 – авв. а. 9) буд. Бараҳман, Худо дар А. воқеияти якқаву ягона (сатя) аст: субъект ва объект, «Ман» ва олам, нафси фардию нафси фалакӣ ба ҳам махлутанд. Касрат тахайюлӣ дониста шуда, ба авидя (бедонишӣ), қувваи сеҳрангези маия (ки дар бараҳман таҷассум ёфтааст) ва тағйироти гуногуни ҷавҳар (виварта) вобаста аст. Мавҷудияти идроки тахаюллӣ ва мақоми баланди онро дар таҷриба қайд намуда, А. назарияи томи хатоҳоро дар дарки олами берунӣ инкишоф дод, ки он ба таълимоти мактаби миманса дар бораи ҳақиқати ҳама гуна маърифат, набудани хато дар идрок ва бар зидди таъбири реалистии хато дар ҷараёни маърифат (дар мактаби няя – *вайшешика*) равона шудааст. Таълимоти асосии А. ҳам ба дуализми (двайта) ҷараёнҳои веданта, ки аз воқеияти мустақили ду мабдаъ – «Ман» ва Худо (таълимоти Мадхва) бармеояд ва ҳам ба монизми маҳдуди вишишта–адвайта (Рамануҷа) мухолиф аст. Мавқеи нисбатан равшани монистии А. дар мубоҳисаи он бо *буддоия* зоҳир гардид. Як қатор ҷараёнҳои он ба ғояҳои А. (Нагарҷуна) рӯ оварданд.

АДВЕ́КСИЯ (лот. advectio – таҳвил, ҷой иваз кардан), дар метеорология таҳвили уфуқии ҳаво ва хосиятҳои физикавии он. Дар натиҷаи А. дар ҳаво таҳвили гармӣ, сардӣ, намӣ ва диг. ҳодисаҳои атмосферӣ ба амал омада, ба ҳолати обу ҳавои замин таъсир мерасонанд. Дар ҳолати ба самти уфуқӣ ҷой иваз кардани обу ҳавои ягон мавзеъ ва унсурҳои метеорологии он А. ба вуҷуд меояд. Ҳодисаҳои атмосфериро, ки дар натиҷаи А. ба амал меоянд, адвективӣ меноманд. Мас., туман, раъду барқ ё гармои адвективӣ ва ғ. Дар у қ ё н у с ш и н о с ӣ А. таҳвили обро ҳам ба таври уфуқӣ ҳам ба таври амудӣ ифода мекунад.

АДВИЁТИ ҶОЛИНУ́С, давоҳое, ки аз наботот (реша, бехреша, барг, гул, пӯстлох) ва ҳайвонот ҳосил карда мешаванд. Аз номи *Ҷолинус* гирифта шудааст. Аксари А. Ҷ.-ро бо роҳи экстраксияи ашё бо об, спирт, эфир ё омехтаи спирту об, эфиру спирт ҳосил мекунанд. Баъзе аз А. Ҷ. аслан маҳлули ин ё он моддаҳои доруӣ дар об, спирт ва ё равған мебошанд. Ба А. Ҷ. қиём, нақеъ, обҳои тиббӣ, спирт, шарбат, собун, марҳам, линименҳо мансубанд. Консентратсияи моддаи давоии асосӣ дар А. Ҷ. гуногун буда, ба шароити сабзиши растаниҳо, ҷамъоварӣ ва ҷудо кардани маводи доруӣ, тарзи ҳосил намудани моддаи асосӣ вобаста аст. А. Ҷ.-ро, одатан, дар корхонаҳои дорусозӣ истеҳсол мекунанд. Саноати дорусозӣ аз ашёи наботӣ давоҳои нав, аз ҷумла давоҳои обӣ, спиртӣ, хлороформу спиртӣ ва ғ. мебарорад. Таъсири фармокологии давоҳои мазкур ба таъсири давоҳои химиявӣ наздик аст.

АДВОКА́Т (аз лот. advocatus, advocato – даъват менамоям), маслиҳатчии ҳимоятгари ҳуқуқӣ – ҳуқуқшиносест, ки барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, корхонаву ташкилоту идораҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасонад. Дар ин мақом ашхосе ҳуқуқи фаъолият доранд, ки соҳиби маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ мебошанд ва на кам аз 2 сол собиқаи корӣ касбӣ доранд. Ҳоло дар аксар шаҳру ноҳияҳои ҶТ дар баробари маслиҳатхонаҳои ҳуқуқии давлатӣ А.-ҳои шахсию мустақил низ фаъолият мекунанд, ки ҳар кас метавонад ба онҳо мурочиат намояд. Албатта, «маслиҳатҳо»-и онҳо ройгон нестанд. А.-ҳо аз иҷрои вазифаҳои ба зимагирифтаашон ҳақи хизмат мегиранд. А. наметавонад он мавқееро ишғол намояд, ки ба мавқеи муштарии худ мухолиф бошад. Мақоми ҳуқуқии А.-ро Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» (аз 5. 11. 1995) муайян мекунад. А. манфиатҳои қонунии муштариёни худро дар ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳимоя менамояд. А. вазифаҳои худро дар шаклҳои гуногун, аз он ҷумла додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ғ. анҷом медиҳад. Фаъолияти А. дар асоси қонун буда, бояд мухолифи қонунҳои ҷорӣ набошад. А. метавонад дар суд ҳамчун ҳимоятгар

оид ба парвандаҳои ҷиноӣ иштирок намояд. А. метавонад узви Коллегияи адвокатҳо бошад. Ба Коллегияи адвокатҳо шахсоне дохил карда мешаванд, ки маълумоти олӣ ва ду сол собиқаи корӣ дошта бошанд. А. дар мурофиаи конститутсионӣ низ иштирок менамояд.

А.-и ваколатдор соҳибкорест, ки дар асоси иҷозатнома ёрии ҳуқуқӣ мерасонад. Тарзи фаъолият ва усули кори А.-и ваколатдорро Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» муқаррар намудааст. Дар асоси қонуни мазкур шахсе ба сифати адвокати ваколатдор амал карда метавонад, ки вай аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ иҷозат гирифта бошад.

АДВОКАТУ́РА, ҷамъияти адвокатҳо, иттиҳодияи мустақил, худидорашаванда, новобаста, соҳибихтиёр ва мухтори адвокатҳои касбӣ. А. аз мақомоти давлатию ҳукуматӣ вобаста набуда, барои расондани мадади ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад ва фаъолият мекунад. Таъсиси А. ба иродаи шахсони соҳибмаълумот (маълумоти олии ҳуқуқӣ) ва собиқадору варзидаи ҳуқуқдон вобаста аст. Чунин ашхос бо мақсади таъсис додани коллегияи адвокатҳо (камаш 40 нафар) маҷлиси умумӣ даъват намуда, оинномаи коллегияи адвокатҳоро тасдиқ ва қабул мекунанд, мақомоти роҳбарикунандаи коллегияи адвокатҳоро интихоб менамоянд. Коллегияи адвокатҳои ҶТ ва коллегияи адвокатҳои вилоятҳо дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта мешаванд. Коллегияи адвокатҳо таҳти сарпарастии давлат қарор мегирад ва давлат ба фаъолияти бонизому самараноки адвокатҳо ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо вазифадоранд коллегияи адвокатҳоро бо бино – коргоҳ таъмин кунанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» вазифа ва ваколатҳои А.-ро муқаррар кардааст, ки тибқи қонун амалӣ мешаванд.

АДВО́Р, (ар. ҷамъи давр), дар илми мусиқишиносии форс-тоҷик ҳарфу ишораҳои махсус ва доираҳои вазнию лаҳниро гӯянд. Мусиқидонони гузашта илми мусиқиро ба қисматҳои назариявию амалӣ ҷудо кардаанд. Қисми амалии мусиқиро, ки бо ишораҳои махсус (ҳарфҳо, доираҳо, рақамҳо) ифода ёфтаанд, А. номидаанд. Ба иборai дигар иҷрои оҳанг ё сурудро аз ҷиҳати зарбу усул бо доираҳои ченакӣ (нақраҳо) ва фосилаҳо (бӯъд)-ро бо ҳарфу рақамҳо ишора менамуданд, ки он аҳамияти илмӣ дошт. Бинобар ин А. дар илми мусиқӣ бо ду шакл ҷараён ёфтааст: а) ишораи махсуси зарб ва усулҳои дойра (даф) ба воситаи ҳарфҳою даврaҳо, ки ченак ва андозаи рукнҳои зарбиро ифода мекарду онро иқоъ (ҳамоҳангӣ) меномиданд; б) ба воситаи ҳарфҳою рақамҳо ишора шудани фосилаҳои лаҳнӣ (нағмаҳо), ки онро бӯъдҳо мегуфтанд. Аз ин рӯ, мусиқии амалии ниёгонамон аз А.-и иқоъ ва А.-и бӯъд таркиб ёфтааст. А.-и иқоъ доира ва ченакҳои вазнро ба воситаи зарби мусиқӣ дар бар гирифта, бо нақраҳо (ар. зарб воҳиди вазн) ифода меёбад. Нақраҳо бо калимаҳои шартии «тан» ишора мешаванд, ки аз ду ҳарфи ҳамсадо «т» ва «н» иборатанд. Дар аввал аз маҷмӯи нақраҳо ченаки рукнҳо ва сипас аз рукнҳо доираи вазни хати оҳангӣ ҳосил мешаванд. Рукнҳо ба тарзи тан тана танан тананан тананананан ва ғ. тартиб меёбанд (ниг. *Иқоъ*). Дар доира навъҳои гуногуни рукнҳо ҷой дода мешаванд, ки онҳо шаклҳои вазнро ба вуҷуд меоваранд. Мас., вазни «Рамал»-ро мегирем: тан тано тано тан тано тано тано тан. Зарби дойра дар хати оҳангӣ чунин ба назар мерасад ва шакли А.-ро ташкил медиҳад. Мас., бум ба-ка ба-ка бум ба-ка ба-ка ба-ка бум. Ҳамин хусусияти вазнӣ дар арӯз низ ба шакли дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо таҷассум меёбад. Бинобар ин ҳар шеъри арӯзӣ дорои вазни махсуси худ буда, ба заработи оҳангӣ мувофиқат мекунад. Дар «*Баҳҷат-ур-рӯҳ*», ки ҷадвали «Дувоздаҳмақом» дар он нишон дода шудааст, 24 номгӯи авзон қайд гардидаанд. Ғайр аз ин боз 13 зарби дигар, ки барои нақорачиён тасниф ёфтаанд, номбар мешаванд. Дар маъхазҳои мусиқии а-ҳои 15 – 17, аз ҷумла дар рисолаҳои мусиқии Ҷомӣ ва Дарвешалии Чангӣ 17 вазни (зарби) асосии он замон хотирнишон шудаанд. А.-и абъод (яъне бӯъдҳо) дар навбати худ бевосита ба бӯъдҳо – фосилаҳо (яъне пардаҳо – лаҳнҳо) сару кор дорад. Мас., Ҷомӣ дар рисолаи мусиқиаш овардааст: «Мавриде овоз аз ҳудуди воҳид бигзарад, онро бӯъд номанд, вақте ки бӯъд (фосила) ҳудуди воҳидро бигзарад, онро абъоди пайиҳам, яъне ҷинс номанд. Ҳангоме ҷинс аз воҳид бигзашт, онро ҷамъ номанд. Мавриде ҷамъ овозҳои бисёреро дар худ бигирад, яке ба дигаре муттаҳид бишаванд ва тартиби онҳоро нисбат ба тӯли вақт (замон) ва заработ (давр) ба вуҷуд биоваранд ва онро оҳанг, яъне лаҳн бинамонд». А.-и абъод таркиби як бӯъдро (ниг. *Бӯъд*) муайян намуда, ба воситаи ҳарфҳо доираи пардаҳои (овозии) оҳангро ифода мекунад. Инчунин ҷойгиршавии ҷамъҳо қатори овозҳо ва мақомҳоро дар доираҳо таҷассум менамояд. Дар гузашта зинаҳои қаторовоза (пардаҳо)-ро бо ҳарфҳо ишора мекарданд, ки он бештар ба сози уд мувофиқ меомад (ниг. *Парда*). Тартиби ҳарфҳо аз рӯйи ҳисоби абҷад қарор мегирифт:

до	ре	ми	фа
А Б Ҷ Д Ҳ В З		Ҳ Т Й	
сол	я	си	до
ё	яб яҷ яд яҳ яв яз яҳ		

Мас., мақоми «Ушшоқ» дар силсилаи «Дувоздаҳмақом» аз пардаҳои зерин ҳосил мешавад ва сентҳояш чунин аст:

А – Д – З – Ҳе – яд – яҳ – яҳ
0 – 202 – 408 – 498 – 702 – 906 – 966 – 1200.

Миқдори доираи қаторовозаҳоро муаллифони рисолаҳои мусиқӣ гуногун баён намудаанд. Абдулмӯъмини Урмавӣ, Ҷомӣ – 84 навъ, Маҳмуди Шерозӣ – 68 навъ ва Зайнулобиддини Ҳусайнӣ – 91 навъи онҳоро ба қалам додаанд. Доираи ҷамъҳои машҳур дар таркиби «Дувоздаҳмақом» ва А.-и мусиқӣ ҳамчун пардаҳои асосии оҳангҳо ҳисоб шудаанд. Мас., онҳо «Доираи Ушшоқ», «Доираи Рост», «Доираи Наво», «Доираи Ҳусайнӣ» ва ғ. ном доштаанд. Ҳангоми бо ҳарфҳо ифода намудани пардаҳо мусиқидонон номи торҳоро низ қайд намуда, дар паҳлуи ин ҳарфҳо рақам гузоштаанд, ки миқдори захма заданро ифода мекард. Ин як услуби нотанависии гузашта буд. Аз ин рӯ мусиқидонони гузашта А.-ро ҳамчун илми махсуси мусиқӣ шинохта, онро илми адвор, илми иқоъу абъод низ меномиданд. Дар тақтеи рукнҳои илми арӯз низ А. кӯмаки бисёр мерасонад. Ниг. низ. *Доираҳои арӯз*.

Ад.: Семёнов А. А., Среднеазиайский трактат по музыке Дервиш Али (XVII в.), Ташкент, 1946; Ҷомӣ, Рисолаи мусиқӣ. Осор, ч. 8, Д., 1989; Фарук Ҳасан Аммар, Ладовые принципы арабской народной музыки, М., 1985; Абдулмумини Сафиуддин, Баҳҷат-ур-рӯҳ, Ташкент, 1346 ш.

И. Раҳимов.

АДГЕ́ЗИЯ (лот. adhaesio – часпидан), ҳодисаи ба ҳамдигар часпидани сатҳи ҷисмҳои якҷинса ҳангоми ба ҳам расидан. Сабаби А. қувваи кашиши байнимолекулавии моддаҳои ба ҳам расанда мебошад. Қуввaҳои кашиш бо мурури дар байни сатҳи моддаҳо ба вуҷуд омадани алоқаи химиявӣ ва донорию аксепторӣ меафзоянд. Ба часпиш ҳодисаи ба ҳам омехташавии атомҳо (диффузия) низ

мусоидат мекунад. Часпидани локу ранг ба рӯи маснуоти олкоришуда низ А. мебошад. Яке аз намудҳои А.-ро *когезия* меноманд. Устувории А.-ро аз рӯи қуввае, ки барои аз сатҳи ҷисм кандани пардаи локу ранг сарф кардан лозим меояд, муайян мекунанд.

АДДИ́С-АБЕ́БА (ба забони амҳарӣ – гули нав), пойтахти Эфиопия, шаҳри бузургтарин ва маркази маданию саноатии мамлакат. Дар кӯҳсори Эфиопия (дар баландии 2234 м) ҷойгир аст. Аҳолиаш 3627934 нафар (2008). Узели марказии р. о. А.-ро бо Ҷибути – бандар дар халиҷи Адан мепайвандад. Аэропорти аҳамияти байналхалқӣ дорад. А. с. 1887 аз тарафи император Менелики II чун маркази маъмурии музофоти Шоа бунёд гаштааст. Аз с. 1889 пойтахти Эфиопия, аз с. 1958 қароргоҳи Комиссияи иқтисодии СММ дар Африка ва аз с. 1963 қароргоҳи Ташкилоти ягонагии Африка мебошад. Дар А. истеҳсоли техникаи хоҷагии қишлоқ, васл кардани трактороҳо, автомашина, велосипед, чӯбкорӣ, корхонаҳои саноати сабук (бофандагӣ, чарму пойафзор), хӯрокворӣ (истеҳсоли орд, равған, гӯшту шир) тараққӣ кардааст. Ҳунарҳои косибӣ (истеҳсоли маснуоти заргарӣ бо сангҳои қиматбаҳо, ашё аз устухони фил ва чӯбҳои серарзиш) ривоҷ ёфтааст. Дар А. бонкҳои тиҷоратӣ, инвеститсионӣ, Бонки миллии рушди Эфиопия, биноҳои баландошёнаи замонавӣ, театри миллӣ, почтаи марказӣ, осорхонаи этнографӣ, донишгоҳ, маркази телевизион, Қасри Африка ва ғ. мавҷуданд. Ёдгориҳои меъморию таърихиаш: Қасри император Менелики II (а. 19), Ибодатхонаи Георгийи Муқаддас (ох. а. 19), майдони Адуа бо муҷассамаи шер (рамзи Эфиопия). Дар шаҳр 20 муассисаи табобатӣ ва илмӣ, инчунин якчанд госпиталҳои хориҷӣ мавҷуданд, ки яке аз онҳо аз тарафи табибони рус дар авв. а. 20 бунёд шудааст.

АДДИТИВӢ (лот. additivus – замшаванда), чунин хосияти бузургиҳост, ки тибқи он қимати бузургии ягон объекти яклухт ба ҷамъи қиматҳои бузургҳои қисмҳои алоҳидаи он (ҳангоми ба таври дилхоҳ ба қисмҳо тақсим кардани объект) баробар аст. Мас., аддитивӣ будани ҳаҷм чунин маъно дорад: ҳаҷми ҷисми яклухт ба ҷамъи ҳаҷми қисмҳое, ки он ҷисмро ташкил медиҳанд, баробар мебошад. Ба монанди ҳамин дарозии хат, масоҳати сатҳ, массаи ҷисми физикавӣ ва ғ. бузургиҳои аддитивӣ мебошанд.

АДЕЛАЙ́ДА, шаҳр ва яке аз бандарҳои калони баҳрии соҳили ҷанубии Австралия, дар халиҷи Сент-Винсент, дар резишгоҳи д. Торренс. Пойтахти штати Австралияи Ҷанубӣ. Аҳолиаш 1138800 нафар (2006). А. 28. дек. 1836 бунёд гашта, ба шарафи ҳамсари шоҳи Британия Вилгелми IV – шоҳбону Аделаида номгузорӣ шудааст. Дар А. саноати автомобилсозӣ, киштисозӣ, коркарди нефт, металлургия, саноати сабук, хӯрокворӣ, химия, электротехникӣ, инчунин электроника ва механикаи дақиқ тараққӣ кардааст. Ба воситаи бандари А. қисми зиёди маҳсулоти содиротии хоҷагии қишлоқи Австралия (гандум, меваҷот, машрубот, пашм) бароварда мешавад. Дарёи Торренс шаҳрро ба ду қисм: ҷанубӣ (маркази маъмурӣ) ва шимолӣ (маҳалли истиқоматӣ) ҷудо мекунад. А. маркази муҳими илмӣ ва маданист. Дар А. донишгоҳ, осорхонаи таърихи зинда, обсерватория, нигористон мавҷуд аст. Ёдгориҳои меъмории асили динии нимаи а. 19 ва авв. а. 20 маҳфуз мондаанд. Дар А. ҳар ду сол моҳи март фестивали умумиҷаҳонии санъат (бо фарогирии тамоми ҳунарҳои саҳнавӣ ва манзурӣ) гузаронида мешавад.

АДЕНОВИ́РУСҲО (аз юн. aden – ғадуд ва *вирусҳо*), як гурӯҳи вирусҳо, ки ангезандаи бемориҳои гуногун (назлаи шадиди роҳҳои нафас, конъюнктивит, илтиҳоби шуш, илтиҳоби рӯдаҳо ва ғ.) мебошанд. А. аз ҳуҷайраи аденоидҳо ва бодомакҳои одам, ки он ҷо дар ҳолати нофаъол қарор доранд, ҷудо карда шудаанд. А.-и маймунҳо, гов, муш ва парандаҳо низ маълуманд. А. аз ҷилди сафедавӣ ва ДНК, ки дар маркази вирион воқеанд, таркиб ёфтаанд. А. липид надоранд. Андозаи А. 70 – 90 ммк аст.

АДЕНОЗИ́Н, $C_{10}H_{13}N_5O_4$, нуклеозидест, ки дар он атоми нитрогени 9-и аденин бо атоми карбони 1-и рибоза пайваст шудааст. Моддаи кристаллии беранг. Массаи мол. 267, ҳарор. гуд. 229°С. Дар об ҳал мешавад. Аз ҷиҳати химиявӣ А. асосӣ суст аст. Дар организм А. асосан дар таркиби баъзе ферментҳо, кислотаҳои аденозинфосфат ва нуклеат мавҷуд аст. А.-ро дар натиҷаи гидролизи кислотаҳои нуклеат бо ишқор ё аз кислотаи монофосфат бо таъсири фермент ҷудо кардани боқимондаи кислотаи фосфат ҳосил мекунанд. Бо роҳи синтез низ ҳосил кардан мумкин аст. Хусусан синтези А. аз 4,6-диаминопиримидин аз тарафи олимон Тодд, Баддили ва Литго (с. 1946) ҷолиб мебошад.

АДЕНО́ИДҲО (аз юн. aden – ғадуд ва eidos – шакл), аз ҳад зиёд калон шудани бодомакҳои ҳалқу димоғ. Асосан дар ширхораҳо ва кӯдакони 3 – 10-сола (баъзан аз 10-сола калон) мушоҳида мешавад. Ба А. баъзе бемориҳои сироятӣ, ки ҳангоми онҳо пардаи луобии даруни бинӣ ва бодомакҳо газак мегиранд (мас., сурхча, махмалак, хунук, грипп ва ғ.), инчунин газаки шадид ва музмини роҳҳои болои нафаскашӣ мусоидат мекунанд. Душвор гаштани нафаскашӣ бо бинӣ, ки дар натиҷаи ҳалқу димоғро пур кардани бодомаки калон ба амал меояд, ҳамчунин тарашшуҳи зиёд аз бинӣ аломатҳои аввалини А. мебошанд. Дар натиҷаи ихтилоли нафаскашӣ бо бинӣ кӯдакон даҳонашонро кушода хоб мераванд, хоби онҳо ноором буда, хуррок мекашанд. Кӯдакони ширмак синаро дуруст макида натавониста, ҷисман суст инкишоф меёбанд. Ғайр аз ин А. сабаби пайдо шудани бронхит ва бронхопневмония мегардад. Дар чинҳои А. баъзан ба миқдори зиёд бактерияҳо ғун мешаванд (аденоиди музмин). Бисёр вақт дар баробари калон шудани А. қуввааи сомеа заиф мешавад. Аз сабаби душвор гардидани ҳаракати хуну лимфа дар майна сари кӯдакон дард мекунад. Барои пешгирии оқибати нохуши А. ҳангоми пайдоиши аломатҳои аввалини беморӣ дарҳол ба духтур мурочиат кардан зарур аст. А.-ро бисёр вақт бо роҳи ҷарроҳӣ муолиҷа менамоянд; 2 – 3 рӯзи аввали баъди ҷарроҳӣ кӯдакро бистарӣ карда, то 5 – 7 рӯз аз таоми гарм (аз 18 – 20°С боло), хӯрданиҳои сахт (мас, нони хушк ва ғ.), инчунин хӯрокиҳои тунд, шӯр ва шоколад парҳез кунондан лозим аст; бисёр ҳаракат кардан ва дар офтоб гаштан мумкин нест; ҷойи зисту бозӣ ва хоби ӯ бояд доимо тоза бошад. Хонаи хоби кӯдакро фақат бо латтаи тар тоза кардан лозим.

Ад.: Острейков И. Ф., Пивоваров С. А., Комбинированная анестезия этраном и фентанилом при аденоидэктомии у детей. Пособие для врачей, М., 2000; Шеврыгин Б. В., Керчев Б. И., Ультразвуковая аспирационная аденоидэктомия у детей, М., 2001.

Б. Шамсиддинов.

АДЕНО́МА (аз юн. aden – ғадуд ва …*ома*), омоси ғайрисаратонӣ, ки дар ғадудҳои гуногун (ғадуди шир, ҷигар, меъда, гурда, ғадуди сипаршакл ва ғ.) ба вуҷуд омада, сохтори бофтаҳои онҳоро маҳфуз медорад. А. ҳарчанд дар аввал безарар бошад ҳам бо мурури вақт метавонад ба омоси саратонофар табдил ёбад. Бинобар ин,

онро саривақт бо роҳи ҷарроҳӣ гирифта партофтан лозим аст.

АДЕНО́МАИ ҒАДУ́ДИ ПРОСТА́ТА, афзоиши омосмонанди бехавфи ғадуди простата (ғадуди зермасона). Фақат мардони аз 50-сола боло ба А. гирифтор мешаванд. А. суст инкишоф меёбад. Аломати аввалини калон шудани ғадуди простата шабона зуд-зуд пешоб кардан аст. Бо мурури вақт аломатҳои А. авҷ мегиранд ва шоша фақат дар натиҷаи сахт зӯр задан қатра-қатра ихроҷ мешавад. Дар мавриди тӯлонӣ гардидани А. шоша беихтиёр ва оҳиста-оҳиста мерезад, аммо бемор ҳис намекунад, ки шошадонаш холӣ шудааст. Бинобар ихтилоли пешобронӣ дар бофтаҳои гурда тағйироти зиёд (васеъшавии ҳавзакҳои гурда, газак ва ғ.) рӯй дода, боиси пайдо шудани санг мегардад. А. дар аввал ҳарчанд безарар бошад ҳам, минбаъд мумкин аст ба омоси саратонӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, баробари зоҳир шудани аломатҳои аввалини А. бемор бояд ба духтури уролог мурочиат намояд. Истеъмоли хӯрокиҳои тезу тунд, қаламфур, хардал, консерваҳо, хӯроквории дудхӯрда ва шароб манъ аст. Маҳсулоти ширӣ (ғайр аз шир, ки боиси дамиши шикам мегардад) ва сабзавот нафъ дорад. Таомҳои гӯштинро бояд дар нимаи якуми рӯз хӯрд.

Муолиҷаи А. гуногун аст. Пештар онро фақат бо роҳи ҷарроҳӣ табобат менамуданд. Солҳои охир усулҳои бо дору муолиҷа кардани он дарёфт шудаанд. Доруҳоро муддати тӯлонӣ истеъмол намудан лозим меояд (мас., проскар, финастерид, простерид, празозин, тамсулозин, омник ва ғ.). Вале бе тавсияи духтур онҳоро кор фармудан ҷоиз нест. А.-ро ба воситаи асбобҳои махсуси оптикӣ, нурборонкунии лазерӣ, энергияи электр (ТУР), сармо (криодеструктсия) ва гармо (термоаблатсия, термотерапия) низ табобат мекунанд. Дар Тоҷикистон асосан аз усули ҷарроҳӣ истифода мешавад. Натиҷаи муолиҷа, одатан, хуб аст. Ҳангоми кӯҳна шудани беморӣ ду маротиба ҷарроҳӣ мекунанд: авval ба масона носур гузошта, баъди чанд моҳ аденомаро гирифта мепартоянд. Беморе, ки ба масонааш носур гузоштаанд, ба нигоҳубини беҳдоштӣ мӯҳтоҷ аст. Рӯзе ду маротиба бо оби гарм лӯлаи резинии тахлия (дренаж)-ро шустан лозим. Пешобгиракро низ бо оби гарм хуб мешӯянд ва бо маҳлули 0,1%-и перманганати калий (маргансоф) пур мекунанд. Ҳангоми дар зери ноф ҳис кардани дард, пешобронии дарднок ва тар шудани бандина бетаъхир ба духтур мурочиат кардан зарур аст.

Ад.: Лопаткин Н. А., Доброкачественная гиперплазия предстательной железы, М., 1997; Қодирӣ Т. Р., Мунтахаби дарсҳои пешобшиносӣ, Д., 2000; Тиктинский О. Л., Калинина С. Н., Заболевания предстательной железы, С.-Пб., 2006. *Т. Қодирӣ.*


АДЕНОМАТО́ЗИ ШУШ (юн. aden – ғадуд ва oma – варам), як навъ касалии ҳайвонот, ки дар мавриди он бофтаҳои шуш варам мекунанд. Бештар гӯсфанд, гов, асп, саг, муш ва гулмоҳӣ ба А. ш. дучор мешаванд. А. ш. дар тамоми мамолики дунё ба қайд гирифта шудааст. То ҳол сабабҳои пайдоиш, пешгирӣ ва ба одам сироят кардани он пурра таҳқиқ нагаштаанд. Хоса А. ш.-и гӯсфанд бисёр вомехӯрад. Онро бори нахуст с. 1888 Фадян ном олими муқаррар кардааст. Ангезандаи он вируси омософар аст. Дар мавриди касалӣ шуши ҳайвон дучори тағйирот гашта, дамкӯтаҳӣ ва сулфа пайдо мешавад. Дар аденомаҳои бофтаҳои шуш ҳосилаҳои ситоплазмавӣ, ки бо парда фаро гирифта шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Дар атрофи ҳосилаҳои ситоплазмавии ҳуҷайра моеъ ғун шуда, ядроро ба канор тела медиҳад. А. ш.-ро бо роҳи озмоиши макро- ва микроскопӣ ташхис мекунанд. Ҳодисаҳои аз ҳайвонот сироят ёфтани одамон мушоҳида нашудаанд.

АДЕНОМИО́МА (аз юн. aden – ғадуд, mys – мушак ва oma – пасванд, ки маънои омосро дорад), омосест, ки асосан аз эпителияи ғадуд ва бофтаи суфтамушак таркиб ёфтааст. Дар А., одатан, аломатҳои сабзиш ва инкишоф ба мушоҳида намерасанд. А. бештар дар бачадон (махсусан дар қисми охири танаи он), маҳбал, гоҳо дар тухмдон, роҳи меъдаю рӯда, талхадон пайдо мешавад. А. омоси ғайрисаратонист (ба беморӣ саратон ё саркома хеле кам табдил меёбад).

АДЕНТИ́Я (аз юн. *a* – ҳиссачаи инкорӣ ва лот. dens – дандон), нуқси модарзодист, ки дар одам ва ҳайвонот тамоман ё қисман набудани дандонҳоро нишон медиҳад. Бисёр вақт А. бо нодуруст сабзидани пӯст, мӯй, ғадудҳои арақ ва ғ. баробар зоҳир мегардад.

АДИАБА́ТА (аз юн. adiábatos – нагузаранда), хатест, ки дар ҳама гуна диаграммаи термодинамикӣ раванди адиабатии мувозинат (яъне раванди бе мубодилаи гармӣ бо муҳити зист баамалоянда)-ро ифода мекунад. А. барои *газҳои идеалӣ* намуди содатарин дорад. Дар ин маврид муодилаи А. pv^{γ}=const аст.

Дар ин ҷо p – фишори газ, v – ҳаҷми хоси он, γ – нишондиҳандаи А., бузургии доимии гази додашуда буда, ба таносуби гармигунҷоиши газ, ки ҳангоми фишори доимӣ (Cp) ва ҳаҷми доимӣ (Cv) муайян карда шудаанд, баробар аст: $\gamma = Cp/Cv$.



АДИ́Б СОБИРИ́ ТИРМИЗӢ Шиҳобуддин Собир ибни Исмоили Тирмизӣ (1078, Тирмиз – 9. 10. 1147, Хоразм), шоири форс-тоҷик. Дар Тирмиз улуми мутадовилаи даврро омӯхта, ба камол расид. Баъдан дониши худро дар соҳаи нуҷум дар расадхонае, ки ҳокими Тирмиз Абулқосими Алӣ ибни Ҷаъфар бунёд карда буд, такмил дод ва чун донишманд шӯҳратёр гардид. Дар расадхонаи номбурда доираи илмие ташкил гардида буд, вале ба иғвои рӯҳониёни мутаассиб ин маҳфили илмӣ пароканда гардид ва Абулқосими Алӣ ба ҳабс гирифта шуд. А. С. Т. низ ба сабаби тавaччӯҳ доштанаш ба мазҳаби шиъа ҳабс гардид. Пас аз муддате Абулқосими Алӣ аз ҳабс озод шуд ва шоирро низ наҷот дод ва ӯ ба Нишопур рафт. Дар ин ҷо ҳам ба тӯҳмат дучор омад ва ба Рован ном мавзеи кӯҳистони Бадахшон бадарға шуд. Пас аз сафарҳову саргардониҳо дар ш-ҳои Хуросону Арабистон ӯ боз ба хидмати Абулқосими Алӣ омад, вале дере нагузашта ба хидмати султон Санҷар (ҳукмр. 1118 – 57) ҷалб гардид. Султон Санҷар шоирро чун сафир ба Хоразм ба дарбори Отсиз фиристод. Отсиз бо Санҷар ихти-

лоф дошт ва с-ҳои 1138 – 42 чанд бор муқобили ӯ исён ташкил кард. Баъди чун сафири Санҷар омадани А. С. Т. Отсиз ошкоро фитна карда наметавонист, чунки зери назорати ӯ қарор дошт. Отсиз баҳонае ёфту дасту пойи ӯро баста ба д. Аму партофт. Аз А. С. Т. девони ашъор боқӣ мондааст, ки дар он қасидаҳо, ғазалҳо, қитъаҳо, рубоиҳо ва тарҷеъбандҳо (дар мачмӯъ беш аз 7 ҳаз. байт) фароҳам омадаанд. Ӯ дар қасидаҳояш зимни васфи илму дониш ва ақлу заковати мамдӯҳаш Абулқосими Алӣ андешаҳои иҷтимоиву танқидӣ, панду ахлоқӣ, назарашро ба мазоҳибу ақоид иброз доштааст. Дар симои Абулқосими Алӣ инсони хирадманду донишварро васф кардааст. Дар васфи расадхонаи Абулқосими Алӣ низ шеъре гуфтааст. Дар ашъори А. С. Т. золимони дилозор, бахилону бадкирдорон ва мунофиқон танқиду мазаммат шудаанд, шоир аҳли замонро ба адолату накӯкорӣ даъват намудааст. Вай зимни муҳокима ва тадқиқи бадеии масоили иҷтимоӣ ва пандуахлоқӣ кӯшидааст орзую омол, ғояву мафкура, хоҳишу мақсад ва дархостҳои неки каҳрамони лирикиашро тасвир кунад. Дар нигоштаҳои худ, махсусан дар ғазалиёт, мавзӯъҳо ва оҳанги шеър анъанаҳои Рӯдакӣ ва Манучеҳриро пайравӣ кардааст. Аксар шеърҳои ишқию манзараviаш дар содагию равонӣ ба эҷодиёти халқ қаробат доранд. Мас.:

Туӣ, ки меҳри ту дар Меҳргон баҳори ман аст,
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори ман аст.

Рубоиҳояш низ ба мисли ғазалҳояш содаву равон, салису муассиранд. Шоирону адибони ҳамасраш ва асрҳои минбаъда А. С. Т.-ро «покизаназм» (Анварӣ), «паямбари шуаро» (Абдулвосеи Ҷабалӣ), «ҷаҳони назму сипеҳри сухан» (Рашиди Ватвот), «хушгӯю равонсухан» (Давлатшоҳи Самарқандӣ), «латифтабъу малоҳаташтъор» (Абдурраҳмони Ҷомӣ) ном бурдаанд. А. С. Т. забони арабиро хуб медонист. Ашъори баъзе шоирони ҳамасрашро ба забони арабӣ тарҷума мекард.

Ос.: Ашъори мунтахаб, Д., 1965; Осори мунтахаб, Д., 1981; Девон (ашъори баргузида ба ҳуруфоти арабӣ), Д., 1983; Девони комили Адиб Собири Тирмизӣ, Т., 2001.

Ад.: Абдуллоев А., Адиб Собири Тирмизӣ (Очерки илмию бадеӣ), Д., 1983. *А. Абдуллоев.*

«АДИ́Б», муассисаи давлатии нашриявӣ, ки осори адабӣ-бадеӣ, тарҷумавӣ, бачагона ва танқиди адабӣ интишор мекунад. 1 апр. с. 1987 таъсис ёфтааст. Дар с-ҳои аввали таъсис шуданаш дар «А.» шӯъбаҳои адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти бадеӣ ба забони русӣ, адабиёти илмиву оммавӣ ва адабиёти кӯдакону наврасон вуҷуд доштанд. То с-ҳои 90 а. 20 дар «А.» ҳар сол беш аз 200 номгӯй китоб бо теъдоди 4 млн нусха интишор мегардид. Ҳоло (2011) дар «А.» се шӯъба – адабиёти классикӣ, адабиётшиносӣ ва тарҷума; адабиёти муосир; адабиёти кӯдакон ва наврасон амал мекунанд. Дар «А.» адибони маъруфи ҶТ Б. Ҳоҷӣ, Қ. Киром, М. Шералӣ, Ӯ. Кӯҳзод, Ш. Шараф, К. Мирзоев, Б. Фирӯз, Ҳадиса, М. Шукурзода, А. Бобоҷон, Ҳ. Шанбезода, Р. Мардон, М. Ҳотам, А. Маҳмадшоҳ ва диг. кор кардаанд. Ҳайати имрӯзаи «А» (2011) аз адибони соҳибтаҷриба ва ҷавонони лаёқатманд С. Маъмур, Ҳ. Мурод, О. Мирак, И. Қосимзода, Ю. Аҳмадзода, З. Абдулло, Г. Сафар, М. Акбарзод, М. Кенҷа, С. Амирхон ва диг. иборат аст. Ба тавассути «А.» куллиёту мунтахаботи классикони адабиёти форс-тоҷик Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Умари Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бедил, Зебунисо, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва диг. дастрасти хонандагон гардидаанд. Кормандони «А.» ба муносибати 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз с. 1987 то с. 1992 ин асарро дар 9 ҷилд ба табъ расонданд. Дар силсилаи «Ахтарони адаб» (50 ҷилд), ки «А.» нашри онро ба ӯҳда гирифтааст, боз «Шоҳнома» дар 9 ҷилд мунташир гардид. Ба ифтихори ҷашнҳои 1100-солагии давлатдории Сомониён, 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1130-солагии Имоми Аъзам ва ғ. ба тавассути «А.» китобҳои «Шоирони аҳди Сомониён», «Насими Мӯлиён»-и А. Раҳмонфар, «Қиссаи подшоҳони Сомонӣ»-и С. Ҳалимиён, «Одам-ушшуаро Рӯдакӣ»-и А. Афсаҳзод, «Паямбари ишқ»-и А. Сайфуллоев, «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо», «Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ» (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ғ.) ба табъ расонда шуданд. Дар «А.» осори адибони насли калонсоли Тоҷикистон С. Айнӣ, М. Турсунзода, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М. Раҳимӣ, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, А. Шукӯҳӣ, Ф. Муҳаммадиев, М. Қаноат, Лоиқ, Қ. Киром ва диг. муҷаддадан нашр мешаванд. Навиштаҳои шоирону нависандагони маъруфи муосир М. Бахтӣ, Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, С. Турсун, А. Самад, К. Мирзо, Гулназар, Ҳ. Ғоиб, А. Ҳаким, С. Маъмур, К. Насрулло, Фарзона, Н. Қосим, Р. Назрӣ, М. Ғоиб, З. Абдулло ва диг-ро «А.» дастраси хонандагон гардондааст. Барои хонандагони хурдсол ва наврасону ҷавонон осори адибоне, ки барои онҳо менависанд, инчунин китобҳо дар силсилаҳои «Кишвари худро меомӯзем», «Симоҳои ҷовид», «Таърихи Ватан», «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ», «Тарбияи фарзандон» ва ғ. пешкаш мешаванд. Сарварони «А.» – А. Остонова (1987 – 90), К. Мирзоев (1990 – 2004), А. Ҳамдам (2004 – 09). Аз с. 2009 сарварии «А.»-ро Ф. Каримов ба ӯҳда дорад.

Ад.: Китобҳои Тоҷикистон, Д., 2003; Ф а р х о д К а р и м., Фурӯғи сухан, Д., 2007.

Ф. Каримов.

АДИБА́И ХУҶАНДӢ (Мирзоева Адиба Қаландаровна; тав. 5. 7. 1971, Хуҷанд), шоираи тоҷик. Донишгоҳи давлатии Хуҷандро хатм кардааст (1993). Котиба-коргузори Шӯъбаи суғдии ИН Тоҷикистон, барандаи барномаҳои фарҳангӣ дар телевизиони Хуҷанд (1993 – 98). Аз с. 1998 мудири шӯъбаи маҷ. «Паёми Суғд». Маҷмӯаи нахустинаш – «Пайғоми саҳар» (1995). Баъдан дар Хуҷанд маҷмӯаҳои дигари ашъораш «Гиряи ишқ» (1999), «Ситорачин» (2002), «Ҳичрони офтоб» (2003), «Хокистари хуршед» (2004), «Фарёди хотираҳо» (2005), «Накҳати гулҳои гумгашта» (2008), «Садои шикастан» (2009) ба табъ расидаанд. Мавзӯи ашъори А. ишқ, меҳри Ватан, тасвири манзараҳои табиат ва ғ. мебошанд. Аз анвои адабии суннатӣ бештар ба ғазал майл дорад. А. на танҳо дар қолаби арӯз, балки дар шеъри озоду сафед низ табъозмоӣ мекунад. Дар шеърҳои А. корбасти вожаҳои худӣ, таркибу ибораҳои ҷадид (хони гиря, тани андӯҳ, Фирдавсии фирдавсӣ ва ғ.) ба назар мерасанд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1998. *М. Нарзиқул.*

АДИ́БИ НИШОПУРӢ Мирзо Абдулҷавод ибни Мулло Аббос (1867, Нишопур – 1926, Машҳад), адабиётшинос ва нависандаи эронӣ. Падараш Мулло Аббоси Нишопурӣ яке аз ашхоси мӯътабар ва маъруфи Нишопур буд. Соли 1880 ба азми таҳсил ба Машҳад омад ва то охири умр дар ҳамин ҷо зиндагиву эҷод кард. А. Н. адабиёти форсу араб, илмҳои ҳайат, риёзиёт ва тибро омӯхт ва чун донишманди улуми гуногун эътироф гардид. Ба қалами А. Н. маҷмӯаи ашъор – «Лаолии макнун» (Машҳад, 1954; иборат аз 6 ҳаз. байт) тааллуқ

дорад. Ба мавзӯъҳои ишқӣ (ирфонӣ), панду насиҳат даст задааст. «Рисола дар арӯзи форсӣ ва арабӣ», «Рисола дар шарҳи «Муаллақоти сабъа» аз навиштаҳои адабиётшиносии А. Н. мебошанд. А. Н. «Шарҳи Хатиби Табрезӣ бар «Ҳамоса»-и Абутаммом» ном асарро таҳрир ва ихтисор кардааст.

АДӢБИ ПЕШОВАРӢ Сайидаҳмад ибни Шиҳоби Ризавӣ (1844, Пешовари Покистон – 1930, Теҳрон), шоир ва олими эронӣ. Бар асари ҷангҳову задухӯрдҳои мазҳабӣ байни ҳиндувону мусулмонон (аҳли оила ва хешовандонаш ба қатл расиданд) аз зодгоҳаш фирор карда, дар Кобул, Ғазнин, Ҳирот ва Машҳад умр ба сар бурд. Ҳангоми сукунат дар ин шаҳрҳо ба омӯзиши илмҳои маъмули давр – сарфу наҳви арабию форсӣ, бадеъ, арӯз, қофия, ҳикмат, мантиқ, фиқҳ, риёзиёт ва ғ. машғул буд. Соли 1882 ба Теҳрон омад ва то охири умр дар ин ҷо зиндагӣ кард. А. П. дар шеър пайрав ва мӯътақиди навъҳои адабӣ, сабку услуби адабиёти классикии форс-тоҷик ва намояндагони маъруфи он, махсусан Носири Хусрав ва Хоқонии Шервонӣ буд. Дар девони ашъори ӯ (Т., 1934) ғазалиёт, қасоид, қитъаҳо, манзумаҳо ва ғ. фароҳам омадаанд. А. П. ба забони арабӣ низ эҷод мекард (аз 4200 байти девонаш 370 байт ба забони арабианд). Дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ достоне бо номи «Қайсарнома» сурудааст. Мавзӯи ашъораш васфи ватан, шикоят аз вазъи ноҳинҷори иҷтимоии мардум ва ғ. А. П. душмани озодию истиқлоли Эронро маззамат кардааст (шеърҳои «Дар тағаззул ва сиёсату ҳимояти ватан», «Дар тағаззул ва нафрин бар хоинони ватан» ва ғ.). Рисолаҳои илмии А. П. ба таҳлили эҷодиёти Носири Хусрав бахшида шудаанд («Рисола дар баёни қазоият ва бадеҳиёти аввалия», «Рисола дар нақди ҳозир»). А. П. асари Абулфазли Байҳақӣ «Таърихи Байҳақӣ»-ро бо шарҳҳову тавзеҳот ба табъ расондааст.

Ад.: Брагинский И. С., Комиссаров Д., Персидская литература, М., 1963.

АДИГЕ́, Республикаи Адигей (Адигэ Республик), субъекти Федератсияи Россия, мансуби Округи федералии Ҷануб. Дар қисми шимолу ғарбии Кавказ, дар соҳили чапи д-ҳои Кубан ва Лаба воқеъ буда, бо ҳудуди кишвари Краснодар иҳота гардидааст. Масоҳ. 7,8 ҳаз. км^2, аҳолиаш 442,7 ҳаз. нафар (2006). Пойтахташ ш. Майкоп. Аз ду округи шаҳрӣ – Майкоп ва Адигейск, 7 ноҳияи мунитсипалӣ, 43 ҷамоат ва 225 нуқтаи аҳолинишин (асосан дар деҳот) иборат аст. Конститутсияи амалкунандаи Республикаи Адигей 10 марти 1995 қабул шудааст. Дек. 1991 – янв. 1992 интихоботи намояндагон ба Шӯрои Олии мамлакат баргузор гардида, аввалин парламент таъсис ёфт. Он с. 1993 ба Шӯрои Қонунбарор (Хасэ) ва с. 1995 ба Шӯрои Давлатӣ – Хасэ (Государственный Совет – Хасэ) табдил ёфт. Роҳбари давлат Президент буда, ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешавад.

Табиат. Қисми шимолии А. асосан аз ҳамворӣ (ҳамвории назди Кубан), қисми ҷанубӣ аз доманакӯҳҳо ва кӯҳҳои Кавкази Калон иборат аст. Иқлимаш континенталии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. – 1,6 °С, июл – 22°С. Боришоти солона қариб 700 мм. Дарёҳои асосии А.: Кубан (кишти-гард) ва шохобҳои он – Лаба, Белая, Пшиш. Обанборҳо дорад. Замини А. асосан сиёҳхок буда, 39 фоизи ҳудудаш бешазор аст (аксар дар қисми кӯҳсор). Бештар дарахтони булут, заранг, шумтол, арча, санавбар ва ғ. мерӯянд. Дар А. минтақаҳои ҳифзи табиат, аз ҷумла Мамнӯъгоҳи давлатии биосферии Кавказ (қисмаш дар ҳудуди кишвари Краснодар) ва Боғи миллӣ ҳастанд.

Аҳолӣ. Дар А. намояндагони миллату халқиятҳои гуногун – адигейҳо (24,2%), русҳо (64,9%), арманиҳо (3,4%), украинҳо (2,0%), инчунин курдҳо, тоторҳо, белорусҳо, юноniҳо, озарбойҷониҳо, чеченҳо ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ 56,8 нафар дар 1 км^2; 52,6% дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд.

Таърих. Ҳудуди А. аз давраҳои хеле қадим маскун шудааст. Аҷдоди адигейҳо меотҳо, синдҳо, ахейҳо ва ғ. буданд. Дар ноҳ. Майкоп бошишгоҳи давраи палеолити Абадзех, ёдгориҳои археологии а-ҳои биринҷу оҳан кашф шудаанд. Қалъаву манзил, бурҷҳои мудофиавию ибодатгоҳҳои қадимаи аз давраи меотҳо маҳфузмонда хеле ҷолибанд. Дар илми бостоншиносӣ мафҳуми «Маданияти археологии Майкоп» машҳур буда, ёдгориҳои мегалитӣ – долменҳои (кӯргонҳои нимаи дуюми ҳазорсолаи 3 то м.) дар ҳудуди А. маҳфузмонда ва махсусан маҷмааи «Хазинаи тиллоии сакоиҳо» («Золото скифов») ё «Тиллои Кубан» («Золото Кубани»)-ро дар олам хуб медонанд ва намунаҳои олии онро ҳар сари чанд вақт дар осорхонаҳои бузурги ҷаҳон ба намоиш мегузоранд.

Дар давраи Ҷанги Кавказ (1859 – 64) аксари адигейҳо ба ҳудуди Империяи Усмонӣ гузаштанд, боқимондаро ба ҳамвориҳои соҳили чапи д. Кубан кӯчонданд. То ибт. а. 20 дар А. сохти обшинагӣ-ҷамоатӣ ва урфу одатҳои авлодӣ ҳукмрон буд. Солҳои Ҳокимияти Советӣ дар А. чун дар диг. ҷумҳуриҳои Иттифоқи Советӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. 27 июли 1922 А. чун Вилояти Мухтори Черкес (Адиге) таъсис ёфта (дар сарзамини Республикаи Советии Кубану Баҳри Сиёҳ, марказаш ш. Краснодар), минбаъд дар ҳайати ҳудуди маъмурии кишвари Кавкази Шимолӣ (1924 – 34), кишвари Азову Баҳри Сиёҳ (1934 – 37) ва ниҳоят, кишвари Краснодар буд. А.-ро аз авг. 1942 то янв. 1943 қӯшунҳои Германияи фашистӣ ишғол карда, ба он зарари калон расонданд. 24 марти 1992 Республикаи Мухтори Советии Сотсиалистии Адигей Республикаи Адигей дар ҳайати Федератсияи Россия эълон шуд.

Иқтисод. А. захираҳои бойи ҷангал (сеяки ҳудуди онро фаро гирифтааст), гази табиӣ, маводи бинокорӣ (шағал, оҳаксанг, рег ва ғ.) ва конҳои начандон калони тилло дорад. А. республикаи индустриявию аграрӣ мебошад. Дар А. саноатҳои хӯрокворӣ (консервбарорӣ, майкашӣ, равғанкашӣ), мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, чӯбу тахта ва селлюлозаю коғаз, коркарди металл, канабу арғамчин, дӯзандагӣ ва ғ.; дар соҳаи кишоварзӣ ғаллакорӣ (гандум, ҷуворимакка), сабзавоткорӣ, гиёҳпарварӣ, кишти зироатҳои техникӣ (тамоку, равғани эфир), чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ, парандапарварӣ инчунин парвариши аспҳои хушзот тараққӣ кардааст. А. шабакаи р. о., роҳҳои автомобилгард, нақлиёти ҳавоию обӣ дорад. Дар А. туризм тараққӣ кардааст, захираҳои ғании шикорӣ дорад (сайёҳони шикордӯст зиёд меоянд). Хатсайрҳои сайёҳии аспсаворӣ ва кӯҳнавардӣ мавҷуданд. Пойгоҳҳо ва лагерҳои туристӣ якбора 1500 сайёҳро қабул карда метавонанд. Аз с. 1992 ҳар сол таҳти шиори «Дӯстии халқҳои Кавкази Шимолӣ» мусобиқаҳои велосипедронии бисёррӯза (сайрхат: Майкоп – Краснодар – Ставропол – Черкесск – Пятигорск – Налчик – Владикавказ) ва туризми обии «Интерралли – Белая» гузаронда мешаванд, ки ба таҳкими дӯстии халқҳои ҷануби Россия равона шудаанд. Хат ба забони адигеӣ баъди Револютсияи Кабири Сотсиалистии

Октябр ба вучуд омадааст. Адабиёти муосири адигей ҳам дар давраи советӣ инкишоф ёфта, аз эпоси Нарт, ки дар он тасаввуроти олам, хираду фалсафаи пешиниён равшан инъикос ёфтааст ва инчунин аз эҷодиёти шифоҳии халқ сарчашма гирифтааст. Асосгузори насри адигей Т. Карашев бо романҳои «Ҷодаи бахт» (Мукофоти давлатии СССР, 1948), «Мусобиқа бо орзу» (1955), повести «Духтари шапсугҳо» (1951) машҳур гаштааст. Минбаъд дар соҳаи наср адибон Д. Костанов, Ю. Тлюстен, Х. Ашинов, Г. Немченко қувваозмоӣ карданд. Асосгузори назми адигей А. Хатков (1901 – 37) ҳаёти нав ва хислатҳои беҳтарини инсонро тараннум кардааст. Ашъори Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Х. Андрухаев (1920 – 41) саршори эҳсосоти баланди шоирона аст. Достони «Рӯза», маҷм. ашъори «Суруди хушбахтон» ба қалами М. Паранук (1912 – 70) тааллуқ доранд. Шоирон С. Яхутл, К. Жанэ, А. Гадагатл ва махсусан Нависандаи халқии Адигей, дорандаи Мукофотҳои давлатии СССР ва Россия, раиси Иттифоқи нависандагони Адигей И. Ш. Машбаш адабиёти адигейро ба зинаҳои баланд баровардаанд. Маданияти мусиқии адигейҳо аз суруд ва оҳангҳои рақсӣ ғанист. Дар с-ҳои 30 а. 20 аввалин бор эҷодиёти сарояндаи халқӣ Тсуг Теучеж сабт шуда буд. Имрӯз номи намояндаи мусиқии касбии кишвар Артисти халқии Федератсияи Россия ва Республикаи Адигей, Ходими хизматнишондодаи санъати Россия, дорандаи Мукофоти давлатии Республикаи Адигей, узви Иттифоқи композиторони Россия У. Х. Тхабисимов машҳури ҷаҳон гаштааст. Дар А. Театри республикавии драмаи А., Театри мусиқии камераии А., Театри драмаи русии ба номи А. С. Пушкин, Театри лӯхтаки «Шоколад», Филармония, Ансамбли давлатии рақсии «Налмэс» фаъолият доранд. Барномаи консертии дастаҳои ҳунарӣ, одатан, аз суруду оҳангҳо ва рақсҳои адигеию русӣ мураттаб мешаванд. А. дорои Донишгоҳи давлатии Адигей ва Донишгоҳи давлатии технологӣ (ш. Майкоп) мебошад. Инти варзиш ва дзю-до на чун муассисаи мустақил, балки ҳамчун таълимгоҳи махсуси назди Донишгоҳи давлатии Адигей фаъолият дорад. А. дорои 8 музейи давлатӣ ва 23 музейи ҷамъиятӣ мебошад. Музейи миллии А. маҷмӯъҳои нодири археологӣ, этнографӣ ва табиӣ дорад. Аз ҷумла бахши мутааллиқ ба ҳаёту маишати адигейҳо хеле ҷолиб аст. Дар Майкоп филиали Музейи давлатии халқҳои Шарқ (ш. Москва) ва Нигористони мусаввараҳо фаъолият доранд. Дар ҳунарҳои халқӣ гулдӯзию зардӯзӣ, ҳаккокию кандакорӣ бартарӣ доранд. Санъати касбии рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ дар А. дар давраи советӣ ба вучуд омад (рассомони намоён В. Долгов, В. Мекед, Д. Мелников; ҳайкалтарош Д. Меретуков).

М. Воҳид.

АДИГЕЙҲО, халқе, ки асосан дар Адиге (Республикаи Адигей)-и Федератсияи Россия истиқомат дошта, дар



Адигейҳо дар либоси милл.ӣ

соҳили шимолии Баҳри Сиёҳ аз шохоби Кубан то Абхозистон паҳн шудааст. Дар Федератсияи Россия ҳамагӣ 150 000 нафар зиндагӣ доранд. Калимаи адигей ба тамоми забонҳои мардуми Кавказ маънои ҷазираро ифода мекунад. А. алифбо ва сарфу наҳви мукаммали худро доранд. Аҷдоди А. аҳолии муқимии Кавкази Шимолӣ будаанд, ҳарчанд дар этногенезашон (раванди пайдоиши халқ) *скифҳо, сарматҳо* ва *аланҳои* аз диг. ҷой омада низ ширкат доштаанд. Дар а-ҳои 13 – 14 иддае аз А. ба ҳавзаи д. Терек (*кабардинҳо*) кӯч баста, қисми асосии аҳолӣ дар соҳилҳои Баҳри Сиёҳ муқим мондаанд. Ин гурӯҳи қабилаҳои А. ба номи *черкесҳо* маъмул гаштанд, ки минбаъд чандин қабилаҳо, аз қабили шапсугҳо, абадзехҳо, натухайсҳо ва диг-ро муттаҳид намуданд. А. асосан кишоварз ва чорводоранд. Аксарияти аҳолӣ аз а. 18 ба аҳли тасаннуни Ислом гаравидаанд.

Б. Раҳматов.

А́ДИНАМИЯ (аз юн. adynamia – бемадорӣ), якбора бекувват шудани инсонро гӯянд. Ҳангоми бемориҳои вазнини сироятӣ, бемории бардавоми беҳолкунанда, гуруснагӣ кашидан ва ғ. мушоҳида мешавад. Дар баробари А.-и умумӣ А.-и узвҳои ҷудогона низ ба мушоҳида мерасад. Сабаби он таъсири бордорандаи асаб, осеб ёфтан ё хароб гаштани унсурҳои фаъолияти онҳо мебошад. Мас., А.-и дил, ки дар мавриди хароб гаштани миокард бинобар заъфи бардавоми он рух медиҳад.

АДИР, теппаҳои нисбатан паст ва ҷаридори кӯҳдоманҳо, ки дар атрофи водиҳо ҷой гирифтаанд. Дар Осиёи Марказӣ асосан водиҳои Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Вахш адирҳо доранд. Мардуми маҳал ҳар навъ кӯҳдоманҳои серхокро низ А. меноманд. А. нисбат ба ҳамвории ҳамҳудудаш аз 100 то 400 м баландтар буда, аз таҳнишастҳои палеоген, неоген ва давраи чорумин – регсанг, конгломерат (манг), лёсс ва ғ. таркиб ёфтааст. Дар А. бештар растаниҳои эфемерӣ (хоклес) мерӯянд. Заминҳои нисбатан ҳамвортари А.-ҳо барои ғаллакорӣ истифода мешаванд.

АДИР, деҳа дар ҷамоати деҳоти Раҳмонови ноҳ. Турсунзода. Аз А. то маркази ноҳия 13 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 676 нафар (2009), ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғу токпарварӣ. Заминҳо аз канали Заркамар обёрӣ мешаванд.

АДИРСЕ́Б, навъе аз себҳои миёнапазаки маҳаллӣ. Дарахташ зудсабз, ахромшакли хамидашоҳ, сернавда, 5 – 7 м қад мекашад. Навдаҳои қисми офтобрӯяаш сурхча буда, навдаҳои ҷойи сояаш сабзи хокистарианд. Баргаш дилшакли нӯгтез, сабзи баланд, пушташ патдор. Нимаи апр. гул карда, авв. июл мепазад. Меваш миёнаҳаҷм (вазни меваи дарахти худрӯяш андаряк 40 – 50 г, пайвандиаш 75 – 80 г), байзашакл, сафеди ширранг, тобиши сурхча дорад; пӯсташ ғафс. Гӯшташ сахти карсосӣ, сафед, сероб ва нордон, 12 – 16 дона тухми майда дорад. Ниҳоли пайвандиаш баъди 3 – 4 соли шинондан самар меорад. Ниҳолашро аз рӯи тартиби 6 ×5, 6 × 6 м мешинонанд. Меваи дарахтони пайвандиаш калон, хушрангу сероб, ширин ва хуштамъ буда, ба Рахшсеб шабоҳат дорад. Ба гармову сармо (хунукии 25 – 26°С) ва камобӣ тоб меорад. Дар заминҳои лалмӣ хуб месабзад. А. бештар дар талу теппаҳои деҳаҳои Хонақоҳи Кӯҳӣ, Арбобӣ, Қаротоғ ва Алмосии ноҳ. Ҳисор мерӯяд. Аз касалии гарда ва ҳашароти зараррасон (мевахӯраки себ) зарар мебинад.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935; Плодоводство Таджикистана, Сталинабад 1948.

Ф. Ӯрунов.

АДЛИЯ́ (ар. аз адл – ҳамаро баробар донистан, аз рӯи ҳаққоният рафтор кардан, инсоф, дод, қонуният),

маҷмӯи фаъолияти тамоми мақомоту муассисаҳои судӣ оид ба татбиқи адолати судӣ. Ҳамчунин мафҳуми А.-ро барои муайян намудани нақш ва мавқеи мақомоти алоҳидаи ҳуқуқӣ (масалан, адлияи маъмурӣ) ва ё барои муайян намудани фаъолияти соҳавии мақомоти ҳуқуқӣ (масалан, адлияи ҷиноятӣ) мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар аксари кишварҳои англосаксониву роману германиявӣ А. ҳаммаънои адолати судӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду мақоми мустақили давлатӣ, ки мушахасан ба номи А. маълуманд, фаъолият мекунанд. Аввалӣ Вазорати адлияи ҶТ ва дуюмӣ Шӯрои адлияи ҶТ. Ҳар яке мутобиқи талаботи қонунҳо ва диг. санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ амал менамоянд. Самтҳои асосии фаъолияти Вазорати адлия аз таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки аз салоҳияти ҳокимияти иҷроиянд, сабти оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сабти давлатии шахсони ҳуқуқии машғули фаъолияти иқтисодӣ, сабти давлатии асноди меъёрии вазоратҳо, комитетҳои давлатӣ ва идораҳои ҷумҳуриявӣ, таъмини иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва амсоли инҳо иборат аст. Шӯрои А. с. 1999 ба сифати мақоми мустақили давлатӣ эътироф шуда, вориди низоми мақомоти давлатии Тоҷикистон гардид. Шӯрои А.-ро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст ва он асосан масъалаҳои кадрии мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро то сатҳи вилоятҳо, таъминоти моддию техникии судҳо, иҷрои қарору санадҳои дигари судӣ ва соир масоили марбутаро ҳал менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорати адлия вазифаҳои таъмини ҳуқуқии фаъолияти меъёртаҳиякунии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба қайд гирифтани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сабти давлатии асноди меъёрии вазоратҳо, комитетҳои давлатӣ ва идораҳои ҷумҳуриявӣ, иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ, расондани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқиро ба ӯҳда дорад.

А.-и конститутсионӣ низоми мақомот ва расму қоидаҳоеро ифода мекунад, ки ба тафтиши мувофиқати санадҳои Парламент, Президент, Ҳукумат ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ бо Сарқонун (Конститутсия)-и мамлакат имкон медиҳад.

А.-и маъмурӣ низоми муассисаҳои судиест, ки барои ҳаллу фасли баҳсҳои дар раванди фаъолияти идоракунӣ бавуҷудоянда таъйин шудааст. А.-и маъмурӣ дар давлатҳои авторитарӣ вуҷуд надорад.

АДЛӢ, 1) сиккаи мисӣ, ки аз а. 10 дар ш-ҳои асосии Осиёи Миёна зарб зада мешуд ва он то ох. а. 16 дар муомилот буд. Дар ох. а. 15 як А. баробар ба 6 динор буд, аммо дар а. 16 дар Бухоро як А. ба 120 танга (сиккаи нуқра) баробар шуд. Дар замони Темуриён ба ҷойи истилоҳи А. вожаҳои “пул” ва ё “Миси Улуғбек” дар истифода буданд; 2) дар давлатдории Темуриён истилоҳи А. ба унвони воҳиди андозагирии замин ҳам истифода мешуд.

Л. Бойматов

АДМИРА́Л, унвони ҳарбӣ дар Флоти ҳарбии баҳрӣ. Дар Европа а. 12 расм шуд (дар Венетсия ва Генуя). Пётри I ох. а. 17 дар Россия ин унвонро (генерал-адмирал, адмирал, витсе-адмирал ва контр-адмирал) ҷорӣ намуд. 7 майи 1940 дар Флоти ҳарбии баҳрии СССР унвонҳои контр-адмирал, витсе-адмирал, адмирал, адмирали флот таъсис ёфтанд, барои адмиралҳои хизмати инженерии киштӣ унвонҳои инженер-контр-адмирал, инженер-витсе-адмирал, инженер-адмирал ҷорӣ шуд. 3 марти 1955 ба ивази унвони адмирали флот – Адмирали Флоти Иттифоқи Советӣ қабул шуд. Аз 28 апр. 1962 унвони Адмирали Флот низ ҷорӣ гардид. Барои адмиралҳои хизмати инженерӣ аз 18 ноябри 1971 унвонҳои конт-адмирал-инженер, витсе-адмирал-инженер, адмирал-инженер муқаррар шуданд.

АДМИРАЛТЕ́ЙСТВО, 1) маркази киштисозии ҳарбӣ дар Россия. Аввалин А. дар Архангелск ташкил шуд (1693). Дар Воронеж (1694), Қазон (1718), Астрахан (1722), Севастопол (1783), Николаев (1789), Кронштадт (1752) ва диг. шаҳрҳои Россия низ вуҷуд дошт. А. аз бандар, корхонаҳои киштисозӣ ва таъмири киштӣ, анборҳо ва ғ. иборат буд. А.-и асосӣ дар ш. Санкт-Петербург қарор дошт. Солҳои 1704 – 1844 дар ин ҷо киштиҳоро сохта, сипас ба мақомоти идоракунии флот месупориданд. Аз авв. а. 19 А. бо сохтори бандарҳои ҳарбӣ омехта гардида, танҳо ҳамчун номгӯи таърихӣ боқӣ монд. 2) Биноест дар Санкт-Петербург (собиқ Ленинград), намунаи барҷастаи санъати меъмории рус ва ҷаҳонӣ. Онро с. 1704 Пётри I ҳамчун корхонаи киштисозӣ бунёд карда буд. Ҳоло дар он фармондеҳии Флоти Балтикаи Федератсияи Россия ҷойгир аст. 3) Дар Британияи Кабир мақоми олии маъмурии қувваҳои баҳрӣ (ба вазорати баҳрӣ мутобиқ аст).

АДНЕКСИ́Т, газаки найчаҳои бачадон ва тухмдон. Ангезаи А. стафилококкҳо, стрептококкҳо ва ғ. мебошанд. Баъзан ҳангоми ба бачадон дохил кардани моддаҳои гуногуни химиявӣ (мас., йод, спирт) низ пайдо мешавад. Микробҳо ба зоидҳои бачадон дар вақти исқот, хусусан исқоте, ки берун аз бемористон гузаронида мешавад, таваллуд, алоқаи ҷинсӣ, инчунин бо хуну лимфа аз диг. узву бофтаҳо (ҳангоми бемориҳои гуногуни сироятӣ, мас., сил, гулӯдард ва газаки узвҳои дарунӣ) ворид мегарданд. Тамоми омилҳое, ки қобилияти дифоии организмро суст мекунанд, инчунин риоя накардани беҳдошти шахсӣ боиси инкишофи А. мегарданд.

Ҳангоми А.- и шадид поёни шикам, атрофи чорбанд, хусусан дар вақти қазои ҳоҷат, пешобронӣ ва кори ҷисмонӣ сахт дард мекунад. Ҳарор. бадан то 39°С баланд мешавад; дар ҳолатҳои вазнини беморӣ дил беҳузур шуда, шахс қай ва шикамаш дам мекунад. Агар бемор сари вақт ва дуруст муолиҷа кунад , зуд ва пурра шифо меёбад. Ихроҷи ҳаррӯзаи наҷосат ва шоша зарур аст. Алоқаи ҷинсӣ ва истеъмоли хӯрокиҳои тунд манъ мебошад. Ҳангоми А.-и музмин беморӣ дар натиҷаи хунук хӯрдан, хастагӣ, дар вақти ҳайз ва баъди исқот шиддат ёфта, дард зиёд, ҳарор. бадан баланд ва ҳайз вайрон (фаровон ва дарднок) мешавад. Кафшеракҳое, ки бинобар илтиҳоб дар найчаҳои бачадон пайдо мешаванд, садди роҳи гузарониши онҳо мегарданд ва имкон дорад ба бенаслӣ оварда расонанд. Дар сурати дурудароз идома ёфтани А. (бештар аз 2 – 3 сол) сар задани ихтилоли нейроэндокринӣ аз эҳтимол дур нест. Барои пурра шифо ёфтан муолиҷаи мунтазам ва дуру дароз лозим аст.

Тибби амалӣ барои табобати А. воситаҳои гуногун дорад. Хусусан таъйиноти физиотерапевтӣ, муолиҷаи санаторию курортӣ, варзиши шифоӣ, дорухои зидди газак ва ғ. муҳиманд. Барои баланд шудани қобилияти дифоии организм варзиши сабук, сайру гашт дар ҳавои тоза, хӯроки сергизо, сабзавот, меваҳо тавсия мешавад. Ҳангоми авҷ гирифтани беморӣ (дарди поёни шикам, бад шудани аҳвол ва ғ.) сари вақт ба духтур муроҷиат намуда, таъйиноти ӯро иҷро кардан зарур аст. Пойро тар кардан, дар рӯи санг ва замини нам нишастан (хусусан дар вақти ҳайз) манъ аст; дар ҳавои хунук ва нам либоси гарм

пӯшидан лозим. Баъди сиҳат шудан, зан бояд камаш 3 моҳ таҳти назорати духтур бошад. Аз искот ва алоқаи ҷинсии тасодуфӣ худдорӣ бояд намуд. Қоидаҳои беҳдошти шахсӣ, инчунин баъд аз искот ва таваллуд тавсияҳои беҳдоштии махсусро риоя кардан зарур мебошад.

Ад.: Атабеков Д. Н., Гнойные очаги в малом тазу у женщин (клиника и терапия), М., 1957; Буянов В. М., Лимфогенная детоксикация, М., 1990; Громыхина Н. Ю., Крымская Л. Г. (ва диг.), Механизмы иммунорегуляторной функции микрофагов. Патогенез хронического воспаления, Новосибирск, 1991; Бородин Ю. И., О функциональном взаимодействии сорбирующих веществ с лимфатическими структурами, Новосибирск, 1995. *М. Додхоева.*

АДО́ Султонхон, Султонхоҷаи Самарқандӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1834 / 1835), шоири тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти А. бештар дар Самарқанд гузаштааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш Истаравшан назди падар гирифта, дар мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро таҳсилро идома додааст. Баъди хатми таҳсил аз Бухоро ба зодгоҳаш баргашта дар доираи адабии Истаравшан фаъолона ширкат варзидааст. А. ба хидмати амирони Хӯқанд Умархон (ҳукмр. 1808 – 22) ва писараш Муҳаммадалихон (1828) дохил шуда, ба мартабаи маликушшуароӣ расид. Барои ҳалли масъалаҳои сатҳи давлатӣ ба амир Умархон ёрӣ мерасонд. Соли 1828 Амир Насруллоҳ (ҳукмр. 1827 – 60) А.-ро аз Хӯқанд ба Бухоро даъват карда, ба ӯ унвони шайхулисломро дод. А. соҳиби 3 девон аст, ки яке дар Ганҷинаи дастхатҳои Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ ва дуюму сеюм дар Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфузанд. А. дар тамоми анвои шеър табъозмоӣ карда, бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър гуфтааст. Ғазалиёташ ишқӣ, қасидаҳояш мадҳиянд. А. ба баъзе ғазалҳои устодони назми форс-тоҷик мухаммас, назира ва ё ҷавоб гуфтааст. А. инчунин дар назираи «Гулзори Ирам»-и *Мушфиқӣ* достони «Нола ва афғон»-ро (иборат аз 312 байт) навиштааст. Дар достони мазкур 25 аъзои маҳбуба (аз кафи по то гардану ғабғаб, лаб, рӯ даҳон, чашму абру, кокулу гесӯ ва ғ.) бо санъати ташхис моҳирона тавсир шудаанд. Умуман, забони ашъори А. содаву равон ва аз ҷиҳати бадеият баланд аст, вале дар баъзе шеърҳои ба сабки ҳиндӣ, дар тақлиди Бедил нигошташуда мушкилписандиҳо ба назар мерасанд. Намунае аз абёти А.:

Хушо ринде, ки баъд аз мурданаш меросгири ӯ,
Ба ғайр аз пои тобуту асо чизе намегирад.

***

Бар сари турбати ман оиву шармандашавам,
Ҷон надорам, ки нисори қадамат мекардам.

Ад.: Фазлии Намангонӣ, Маҷмӯат-уш-шуаро, Тошканд, 1902., Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб, Д., 1977; Муҳаммад Ҳакимхон, Мунтахаб-ут-таворих (ба чоп ҳозиркунанда, А. Мухторов, дар 2 ҷилд), Д., 1983. *С. Амирқулов.*

АДОЙИ БУХОРОӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Зодгоҳаш Бухоро. Дар ҳамин ҷо таҳсил ва зиндагиву эҷод кардааст. Маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар бораш дар тазкираҳо наомадааст, вале тазкиранависон намунаҳои ашъорашро овардаанд (мас. «Тӯҳфаи Сомӣ»). Ин байт аз ӯст:

Зулфи туро ба риштаи ҷон тоб медиҳам,
Дар дидани ту дидаи ҷон об медиҳам.

М. Диловаров.

АДОИИ САМАРҚАНДӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1595), шоири тоҷик. Давраи ҷавонӣ ва таҳсили илмро дар Самарқанд гузаронд. Пас аз хатми таҳсил ба Ҳиндустон рафт ва то охири умр он ҷо монд. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо дар сурудани ғазал маҳорати хуб доштааст. Аз осораш абёти пароканда боқӣ мондааст. Байти зерин аз ӯст:

Ёди висоли ӯ дили мо шод мекунад,
Умри гузаштаро ҳама кас ёд мекунад.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин. Д., 1973.

АДОӢ Мавлоно Баҳоуддин Алии Шерозӣ (с. тав. номаълум -- ваф. 1521, Истанбул), шоири форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш – Шероз таҳсил кардааст. Ба чанде аз ш-ҳои Форсу Ироқ ва Озарбойҷону Арабистон сафар карда, бо аҳли фазлу адаб, шоирону донишмандон воҳӯрдааст. Ҳангоми дар Истанбул зиндагӣ кардан бо супориши Султон Салим (ҳукмр. 1512 – 20) саргузашти ӯро бо номи «Салимнома» дар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (баҳри мутақориб) навишт. А. девони ашъор иборат аз қасидаҳову ғазалҳо ва диг. анвои шеър доштааст, вале он то ҳол дастраси муҳаққиқон нагардидааст. Намунаҳои зиёде аз навиштаҳояш ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. Ғазалҳои ошиқонааш пурмазмун, забонашон содаву равон аст.

АДОЛА́Т, баробарӣ, таодул, мафҳумест, ки то кадом дараҷа ба воқеияти муайян мувофиқ будани тасаввуроти фардро дар бораи воҷибии ҳуқуқҳояш ифода мекунад. А. категорияи ҳуқуқию ахлоқист. Дар ҳаёти иҷтимоӣ А. таносуби амъолу подош, заҳмату мукофот ва ҷинояту ҷазоро таҷассум менамояд. Номутобиқатӣ дар ин таносуб чун беадолатӣ тавсиф меёбад. А. таносуби чандин ҳодисаро аз нуқтаи назари дар байни одамон тақсим шудани хайру шарри мавҷуда шарҳ медиҳад. Намояндагони фалсафаи машшоъ Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тусӣ ва фалсафаи калом Муҳаммади Ғазолӣ, Фахруддини Розӣ ва диг. зикр кардаанд, ки А. аз се фазилат – ҳикмат, шуҷоат, иффат сар мезанад. Ҳар кадом аз фазилати мазкур ба қувваҳои гуногуни нафсии инсон – хирад, ғазаб, шаҳват мансуб аст. Ба тавассути А. одам дар ҳама кор ҳади эътидолро риоя карда, ба ифроту тафрит роҳ намедиҳад. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ ва диг. А.-ро ба тарзи идораи давлат ва фаъолияти сардори мамлакат вобаста намуда, зуҳуроти онро дар ғамхорӣ дар ҳақи мардуми меҳнаткаш, риояи қонун ва даст кашидан аз зулм медиданд. Дар ҳамин замина сиёсати мудун (таълимоти шоҳи одил) ба миён омад ва минбаъд дар эҷодиёти диг. мутафаккирон инкишоф ёфт. Абдурраҳмони Ҷомӣ ба тарғиби утопияи иҷтимоии ҷамъияти хаёлие пардохт, ки ҳамаи мардум дар он баробаранд. А. ҳамчун меъёри ахлоқӣ дар ҳар давраи таърихӣ мазмуни нав мегирад. Мисоли онро Ф. Энгелс чунин баён намуда буд: «адолати юнониҳо ва римиҳо ғуломиро одилона ҳисоб мекард; адолати буржуазҳои с. 1789 барҳам додани феодализмро талаб мекард, зеро феодализм дар назари он як чизи беадолатона буд». (Маркс К. ва Энгелс Ф., Ас. мунтахаб, ҷ. 1, Д., 1963). А. унсур, саҳеҳтараш, як чиҳати шуури ахлоқӣ мебошад. Бинобар ин вай на танҳо ба ҳақиқати объективӣ, балки ба усулу қоидаҳои ахлоқии аз тарафи синфҳо ё ҷамъият муқарраршуда низ такя мекунад. А. чун мафҳуми ахлоқӣ ба маънои меъёри баҳои ахлоқӣ, қоидаю тарзи рафтор ва ба унвони идеали ахлоқӣ эзоҳ меёбад. Моҳияти ахлоқии А. дар муносибат ва таҳлили объективонаи ҳодисаҳо, хайрхоҳӣ ба одамон ва беғаразона баҳо додан ба кирдору рафтори онҳо зоҳир мешавад. Категорияи А. на танҳо барои баҳо додан ба воқеаю ҳодисаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, балки барои баҳо додан ба муносибати шахс ба ҷамъият ва муносибатҳои байни одамон истифода мешавад. Дар хусуси ҷиҳати ахлоқии А. танҳо аз робитаи шахс бо ҷамъият хулоса баровардан мумкин аст, зеро мафҳуми А. танҳо дар ҳамон

сурат дарк мешавад, ки фард вазифаи муносибати мутақобилаашро бифаҳмад. Агар одам фақат риояи А.-ро аз ҷамъият дархоста, худаш онро ба ҷо наоварад, беадолатӣ хоҳад буд. А. ҳамчун мафҳуми ахлоқии баҳодиҳӣ ҳамеша муносибати афрод, синф ё ҷамъиятро ба ҳодисаҳои муайяни иҷтимоӣ ва рафтори инсонӣ ифода менамояд. *Н. Қулматов.*

АДОЛА́Т, деҳа дар ҷамоати деҳоти Зайнабободи ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия шаҳраки Сомониён 8 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 945 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Кӯктош обёрӣ мешаванд.

АДОЛА́Т, деҳа дар ҷамоати деҳоти Гулистон, тобеи ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази шаҳр 13 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2555 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д-ҳои Элок ва Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ, принсипи иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию ҳуқуқӣ, ки мувофиқати байни мақоми амалии гурӯҳи иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъият ва вазъияти иҷтимоии онҳо, ҳуқуқу вазифаҳо, рафтору подош, меҳнату мукофот, ҷиноята ҷазоро ифода мекунад. Дар ҷамоаи ибтидоӣ А. и. дар шакли риояи муқаррароти ҷамоа, ҳуқуқи якхела ва истифодаи баробари васоили зиндагӣ зоҳир гашта, ба умумияти моликият ва баробарии иҷтимоӣ асос ёфта буд. Бо пайдоиши моликияти хусусӣ ва нобаробарии ҷамъиятӣ байни А. и. ва баробарӣ фарқ гузошта шуд. Дар ҷамъияти ба табақаҳои антагонистӣ, золим ва мазлум тақсимшуда А. и. буда наметавонад. Табақаи ҳукмрон тамоми он чиро, ки ба манфиатҳои иқтисодиву сиёсиашон мувофиқат мекунад, А. и. ва он чиро, ки хилофи манфиатҳояшон аст, беадолатӣ меноманд. Роҳи ҳақиқии аз байн бурдани беадолатии иҷтимоӣ ва барпо кардани муносибатҳои одилонаро дар байни одамон аввалин бор асосгузорони марксизм нишон доданд. Пас аз ғалабаи Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар натиҷаи моликияти ҷамъиятӣ гардонидани воситаҳои истеҳсолот ва сарнагун шудани табақаи истисморгар А. и. тамоми ҷабҳаҳои муносибатҳои ҷамъияти сотсиалистиро фаро гирифт. Баробарҳуқуқии одамон қатъи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, миллӣ, ҷинсу мазҳаб, иштирок дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва маданӣ таъмин гашт, ҳуқуқи баробар ба меҳнат ва мувофиқи принсипи «Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ» музд гирифтан ҷорӣ шуд. Дар замони сотсиализм «…истисмори одам аз тарафи одам имконнопазир мешавад» (Ленин В. И., Ас., ҷ. 33). Вале аз сабаби боқӣ мондани тафовутҳои иҷтимоӣ (байни шаҳру деҳот, меҳнати фикрию ҷисмонӣ, беихтисосу баландихтисос ва ғ.) ҷамъият «қодир нест беадолатии минбаъдаро, ки дар тақсими ашёи истеъмолӣ аз рӯи меҳнат ҷой дорад, дарҳол нест кунад». Бинобар ин дар сатҳи якуми форматсияи коммунистӣ «тафовутҳои ноодилона низ боқӣ меманд…» (ҳамон ҷо).

Яке аз сабабҳои вайрон кардани принсипи А. и. сустшавии назорати давлат аз болои андозаи истеҳсолот ва истеъмолот мебошад. Дар натиҷа, «гурӯҳҳои одамоне пайдо шуданд, ки ошкоро тарафдори мулкдории хусусӣ буда, ба манфиати ҷамъият беэътиной мекунанд». Баробарҳақдиҳии беасос, музди кори кафолатнок новобаста аз саҳми фардии коркун ва сифати маҳсулот дар байни гурӯҳи муайяни одамон рӯхияи муфтхӯриро ба вуҷуд овард. Номукаммалии системаи музди кор дар баъзе соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боиси аз нав тақсим кардани неъматҳои моддӣ гашт. Ин қабил зуҳуроти манфӣ дар мафкураи мардум оид ба А. и. ва муваффақиятҳои дар ин бобат бадастомада тасаввурот ботил ҳосил намуд.

Ҳоло назарияҳое пешниҳод шудаанд, ки ақидаҳои марксистии адолати иҷтимоиро дар асоси баробарии моликияти ҷамъиятӣ, инкор карда, нақши моликияти хусусиро дар эъҷоди А. и. эътироф доранд. Баъзеҳо эҳтироми ҳуқуқи одамон умуман таъриф кардаанд. *С. Ҷ*ононов.

АДОЛАТИ СУДӢ, додрасӣ дар бахши қазовати ҳуқуқӣ. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст. Конститутсия ва диг. қонунҳои амалкунандаи ҶТ барои фаъолияти бонизоми А. с. тартиби махсус таъйин намудаанд. Дар моддаи 2-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр шудааст, ки А. с.-ро судҳо амалӣ менамоянд. Ҳангоми баррасии парвандаҳои граждани, ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва маъмурӣ судяҳо мустақил буда, танҳо ба қонун итоат мекунанд ва натиҷаи баррасии парвандаҳоро дар ҷаласаҳои судӣ амалӣ менамоянд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ салоҳияту ҳуқуқ надоранд ба ӯҳдаи суд вазифаҳоеро, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ накардаанд, вогузор намоянд. Суд дар тамоми ҳолату вазъиятҳо вазифадор аст, ки манфиатҳои қонунро ҷонибдорӣ намояд. Ҳамчунин ҳеҷ касро бе ҳукми суд ва бар хилофи қонун дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор донистан ва ҳамчунин ҷазои ҷиноятӣ додан мумкин нест. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои А. с. он аст, ки ҳукм, ҳалнома, таъйиноти суд аз номи давлат содир карда мешавад. Санади суд қонунӣ ва асоснок – далелдор бояд бошад. Мақсади умдаи А. с. дар таъсири тарбиявӣ доштани он ифода меёбад.

«АДО́Т-УЛ-ФУЗАЛО́», фарҳанги тафсирии Бадрмуҳаммади Қозихони Деҳлавӣ. Дар Ҳиндустон с. 1419 навишта шудааст. Аз қадимтарин фарҳангҳои форсии тоҷикист. Манбаъҳои он «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ, «Фарҳангнома»-и Фахри Қаввос, «Дастур-ул-афозил»-и Ҳайрати Деҳлавӣ ва ғ. мебошанд. Муаллиф ба вожаҳову ибораҳои дар ин асарҳо вуҷуддошта вожаҳову ибораҳои нави аз осори Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Анварӣ, Саъдӣ ва диг. ҷамъовардаашро илова кардааст. Дар муқаддима муаллиф инчунин оид ба луғат (лексика) ва сарфу наҳви (грамматикаи) забони форсии тоҷикӣ маълумоти мухтасар додааст. «А.» аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум вожаҳо, дар қисми дуюм таркибҳову ибораҳо шарҳу тафсир ёфтаанд. Дар охири «А.» муаллиф тафсири вожаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои арабии «Гулистон»-и Саъдии Шерозиро ҷой додааст. Фарҳангнигорони баъдӣ асари ӯро мавриди истифода қарор додаанд. Як нусхаи комили «А.» дар китобхонаи Музейи Британия маҳфуз аст.

Ад.: Баевский С. И., Описание персидских и таджикских рукописей Института Народов Азии, вып. 4., М., 1962.

АДРА́С, матои дастибофи тораш абрешиму пудаш аз ресмон. Мисли бекасаб алобуло ва баъзан якранг мешавад. Асосан А. матои мунаққаш аст, ки онро подшоҳӣ низ мегӯянд. А.-ро аз абрешими дуруштранг мебофтанд, ки нахи он аз 15 – 20 пиллаи даҳбанда иборат буда, ҳар банд 200 нах дошт. Аз ҳар сӯрохи теғи дастгоҳи бофандагӣ чор нахи торро мегузаронданд. Пуди А. аз 3 ресмони борики сафед ё рангин иборат буд. Андозаи бари А. се хел аст: му-

қаррарӣ («одмиёна») – 40 см, сербар («олчинбар») – 70см, камбар («якбара») – 26 см. А. дар ноҳияҳои алоҳида фақат бо нақшунигор фарқ дошт, вале усули бофтани он як хел буд. А.-ро бештар дар дастгоҳҳои махсус пардоз ҳам медоданд, ки дар натиҷа суфтаю ҷилодор ва сифати он беҳтар мегардид. А.-и содиротии Осиёи Миёна дар бозорҳои хориҷа (Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой ва ғ.) шӯҳрати тамом дошт. Аз А. курта, ҷомаҳои мардона ва занона, кӯрпаю кӯрпачаҳо медӯхтанд. А. инчунин берун аз ҳудуди Осиёи Миёна, дар мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик, Кавказ, Поволжйе, Қазоқистон низ маъмул буд.

АДРАСМО́Н, гулзардак, зардиспанд (Adonis turkestanicus), гиёҳест худрӯйи бисёрсола. Буттааш серпояи камшох (20 – 100 см қад мекашад), серпашмак. Баргҳои қисми поёни поя ба пулакчаҳо табдил ёфтаанд; баргҳои болотари поя калон, пармонанди бедумча. Гулаш, одатан, 10 – 15-баргаи зард (июн – июл мешукуфад). Меваҳои июл – авг. тухм мебандад. А. асосан дар дашт, марғзор ва баъзан арчазор (қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон; дар баландии 2000 – 3200 м аз с. б.) мерӯяд. Баргу пояи онро чорво намехӯрад. Баргу поя («алаф»)-и А. ашёи хоми саноати тиб аст (онро аз оғози гулшукуфт то пухтани тухмаш меғундоранд). А.-ро ба ҳеҷ вақҳ решакан набояд кард (онро 7 – 10 см болотар аз сатҳи хок боэҳтиёт медараванд). А.-ро бо мақсади даво дар даврai гулшукуфт меғундоранд. Онро дар ҷойи соя ва шамолрас хушкондан лозим аст. Табибони халқӣ чойи алафи А.-ро барои муолиҷаи илтиҳоби гурда, истисқо, табларза, ғашён, нуқси дил, гипертония, варами пойҳо, дамкӯтаҳӣ, ҳамчунин бо мақсади рондани талха ва пешоб тавсия медиҳанд (рӯзе 3 – 4 маротиба нимпиёлагӣ). А. яке аз муҳимтарин давоҳои бемориҳои дил аст. Маҳлул ва қиёми баргу пояи А.-ро ҳангоми суст будани кори дил тавсия медиҳанд. А. ҷузъи таркибии дорухои «қурси Бехтерев» ва «Адонис-бром» мебошад. Баргу пояи А. 0,23 – 0,28% карденолидҳо, 0,75% флаваноидҳо (витексин, ориентин ва ғ.), 0,03% кумаринҳо (умбеллиферон, скополетин), 9,2% сапонинҳо, 0,47% равған, 1,3 мг% каротин ва ғ. дорад. Хосияти шифоии А. асосан ба карденолидҳо вобаста аст. А.-и гулаш сурх (сурхиспанд)-ро мушқут мегӯянд.



Адрасмон (Adonis turkestanicus).

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975; Халматов Х. Х., Основные лекарственные растения Средней Азии, Ташкент, 1984; Ҳоҷиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

М. Ҳоҷиматов.

АДРАСМО́Н, шаҳрак (аз 26. 3. 1941), тобеи ш. Қайроққум. Дар қисми шимолии вил. Суғд, байни қ.-кӯҳҳои Қаромазору Қурама ҷойгир аст. Аввал ҳамчун деҳа ба ҷамоати деҳоти Қаромазори ноҳияи Ашт тобеъ буд. Аҳолиаш 12910 нафар (2009), тоҷикон, ӯзбекҳо ва миллатҳои дигар. Аз А. то ш. Қайроққум 72 км; роҳ асфалтпӯш. А. 5 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби мусиқӣ, нуқтаи санитарии тиббӣ, 2 дорухона, 2 китобхона, 2 клуб, 8 нуқтаи хизмати маишӣ, боғчаи кӯдакон, 12 нуқтаи савдои хусусӣ, 5 ошхона ва чойхона дорад. А. аз қадим бо маъданҳои рангаи худ машҳури ҷаҳон буд. Аз конҳои назди А. маъдани сурб, нукра, руҳ, тилло, уран ва висмут истихроҷ мекунанд. Корхонаҳои асосии А.: Комбинати полиметаллии давлатии «Қаромазор» (1927), идораҳои кони Консой (1937) ва кони Қаромазор (1956), з-ди тачҳизоти пастшиддати барқии Адрасмон (1959), Комбинати кӯрғошиму руҳ (1970), Идораи шахтасозии Адрасмон (1972), Комбинати маъдантозакунӣ (1993).

Ад.: Қомуси Қайроққум, Х., 2004. *Ш. Тошева.*

АДРЕНАЛИ́Н (аз лот. ad – назди ва renalis – гурдагӣ), гормони ғадуди болои гурда. Барои ҳайвонот ва одам аҳамияти калон дорад. Массаи мол. 183; моддаи кристаллии сафед; аз ҷиҳати оптикӣ фаъол аст. Дар оби гарм, кислота ва ишқорҳо ҳал мешавад. Моддаи ноустувор буда, ба ҳосилаҳои гуногун табдил меёбад. А. аввалин гормонест, ки дар ҳолати кристаллӣ ҷудо ва синтез карда шудааст. Аз аминокислотаҳо – фенилаланин ва тиразин дар гурӯшаҳои хромаффинии ғадуди болои гурда ҳосил мешавад. А. ба хун дохил шуда, талаботи узву бофтаҳоро ба оксиген афзун мегардонад; барои фаъол сохтани гликоген, ки таҷзияи он боиси дар хун баланд шудани қанд мегардад, ширкат меварзад; мубодилаи сафеда, карбогидрат, чарб ва моддаҳои дигарро беҳтар менамояд; рагҳои хунро танг карда, фишори шараёнро баланд мебардорад; кори дилро метезонад; ҳаракати меъдаю рӯдаҳоро беҳтар месозад. Таъсири А. кӯтоҳмуддат аст, зеро зуд (асосан дар ҷигар) оксид мешавад. Берун аз организм низ оксид шуданаш мумкин аст. Ҳангоми баъзе бемориҳои узвҳои дарун, силсилаи асаб, ғадудҳои усораи дохилӣ ва ғ. миқдори А. дар организм тағйир ёфта, раванди бемориро душвор менамояд. Бо мақсади табобат А.-ро аз ғадуди болои гурдаи ҳайвонот мегиранд ё бо роҳи синтез ба даст меоранд. Маҳлули намаки хлориди А. ҳангоми паст шудани фишор, бемории зиқи нафас, бемориҳои аллергӣ, ҳамчунин дар вақти беҳиссозии ҷузъӣ ва ҷарроҳӣ (барои қатъи хунравӣ) ба зери пӯст фиристода мешавад. А.-ро дар мавриди бемории гипертония, атеросклероз, иллати дил ва ғ. истифода бурдан мумкин нест.

АДРИА́ТИКА (итал. Mare Adriatico), баҳри нимкушодаи Уқёнуси Атлантик, қисме аз Баҳри Миёназамин. Дар байни нимҷаз-ҳои Апеннин ва Балкан воқеъ аст. А.-ро гул. Отранто бо Баҳри Ион мепайвандад. Соҳилҳои Италия, Словения, Хорватия, Югославия ва Албанияро фаро гирифтааст. Бараш аз 93 то 222 км. Масоҳ. 144 ҳаз. км^2. Чуқурии миёнааш 250 м, ҷойи жарфтаринаш то 1589 м. Аз се тараф бо кӯҳҳои Апеннин, Алп ва Динор иҳота шудааст. Дар Шим. Ғ. ва Ғ. соҳилҳояш паст ва ҷо-ҷо мурдобҳо дорад. Ҷаз-ҳои калонтарин: Корчула, Хвар ва Брач. Халичҳои калони А.: Триест, Венетсия ва Манфредония. Иқлимаш аз Баҳри Миёназамин каме фарқ карда, дар он бодҳои маҳаллӣ (бора, сирокко, мистрал), ки ба ҳарор. ҳаво таъсири бештар доранд, мевазанд. Зимистонаш сербориш. Ҳарор. об дар авг. аз 24 то 26°С, февр. аз 7 то 13°С. Шӯриаш 30 – 38%. Моҳидорӣ (сардина, скумбрия ва диг.), шикори лангуст тараққӣ кардааст. Бандарҳои асосиаш: Триест, Венетсия, Анкона, Бари (Италия); Риска, Шибеник, Силит, Дубровник (Хорватия); Котор (Югославия); Дуррес, Влёра (Албания). Дар соҳилҳояш фароғатгоҳҳои сершумор ҷойгиранд.

АДРО́НҲО (юн. αδρος – бузург), синфи заррaҳои бунёдие, ки таъсири мутақобилаи бузург доранд. Ба

ду гурӯҳи калон: *барионҳо* (бо заряди барионии B=1) ва *мезонҳо* (бо заряди барионии B=0) ҷудо мешаванд. Истилоҳи А.-ро физики советӣ Л. Б. Окун с. 1962 ҳангоми гузаштан аз тамсилаи зарраҳои таъсири мутақобилаашон бузурги Саката ба назарияи кваркӣ пешниҳод кардааст. А. ба ададҳои квантӣ (ачобат, малоҳат, фаттоният) моликанд, ки дар раванди таъсири мутақобилаи бузург боқӣ мемонанд. Аксари моддаҳои муоинашавандаи табиат аз барионҳо ташаккул ёфтаанд (нуклонҳо), ки ядрои атомро ташкил медиҳанд.Ниг. *Барионҳо, Мезонҳо, Зарраҳои бунёдӣ.*

АДСОРБЕ́НТҲО, ҷисмҳои табиӣ ё сунъие, ки моддаҳоро аз газҳо ва маҳлулҳо ҷаббида мегиранд (фурӯ мебаранд). Хосияти ҷаббандагии А. аз таркиби химиявӣ ва ҳолати физикавии сатҳи онҳо, аз ковокӣ ва сатҳи хос (сатҳе, ки ба 1 г модда рост меояд) вобаста аст. А. масомадор (ковок) ва бемасома мешаванд. Сатҳи хоси А.-и бемасома (кристаллҳои майдакарда, зарраҳои дуд, дуда) аз 1 то 500, сатҳи хоси А.-и масомадор (силикагелҳо, алюмогелҳо, катализаторҳои алюмосиликатӣ, ангишти фаъол) бошад то 1000, мешавад. А.-и бемасомаи дисперснокиашон баландро асосан дар натиҷаи нопурра сӯхтани карбогидридҳо, сӯзондани пайвастҳои элементоорганикӣ ё галогенопайвастҳо ҳосил мекунанд. Тарзи ҳосил кардани А.-и масомадор чунин аст: бо роҳи таъсири химиявӣ ҷисмҳои сахти дуруштдисперсиро ба ҷисмҳои масомадор табдил медиҳанд; аз маҳлулҳои коллоидӣ (золҳо) гел таҳия карда мешавад; дар аснои хушкондани чунин гелҳо аз тарқишҳои байни зарраҳои коллоидӣ ҳалкунанда дур гашта, масолеҳи ковок ҳосил мешавад. А.-ро дар саноати химияи нефт барои тоза кардани маҳсулоти нефт ва газҳо, ҳамчунин дар тиб, техника истифода мебаранд.

АДСО́РБСИЯ (аз лот. ad. – ба, назди ва sorbeo – мечаббам), дар сатҳи моддаи сахт ё моеъ (адсорбент) ҷаббида шудани дигар моддаи дар шакли газ ё маҳлул қарордошта (адсорбат). Мас., агар ба маҳлули обии кислотаи сирко як порча ангишт андохта шавад, молекулаҳои кислотаи сирко дар сатҳи ангишт А. шуда, миқдори кислота дар маҳлул мекоҳад. Одамон А.-ро дар фаъолияти амалии худ аз қадимулайём истифода мебурданд, вале тадқиқи он аз нимаи 2-юми а. 18 оғоз ёфт. Таълимот оид ба А. бори аввал аз тарафи У. Гиббс (1876) баён карда шудааст. А. аз хосияти молекулаҳои дар қабати сатҳӣ ҷойдоштаи модда вобаста аст. Ҳолати онҳо аз вазъияти молекулаҳои қабати дохилӣ фарқ мекунад. Дар молекулаҳои қабати сатҳӣ миқдори зиёди энергияи озод мавҷуд аст, ки ҳамеша майли коҳидан доранд. Ҳангоми доимӣ будани ҳудуди сатҳӣ худ ба худ кам шудани энергияи озод дар натиҷаи костани кашиши сатҳӣ ба амал меояд; дар натиҷа дар қабати сатҳӣ модда аз муҳити берун фурӯ бурда мешавад. А.-ро, одатан, бо нисбати адсорбат бар воҳиди сатҳи адсорбент ё массаи адсорбент ифода мекунанд. Баъзан А. танҳо бо қабати болоӣ маҳдуд нашуда, то ба қабатҳои дохилии адсорбент паҳн мегардад. Чунин равандро *абсорбсия* меноманд. А. физикавӣ, химиявӣ ва интихобӣ мешавад. А.-и физикавӣ худ ба худ аз ҳисоби таъсири ҳамдигарии қувваҳои сусти Ван-дер-Ваалси ба амал меояд. Дар вақти баланд шудани ҳарорат А.-и физикавӣ коҳиш меёбад, мас., А.-и баъзе газҳо. А.-и химиявӣ (хемосорбсия) бо роҳи таъсири химиявӣ ба амал меояд. Баланд шудани ҳарорат А.-и химиявиро метезонад. Дар А.-и химиявӣ реаксияи химиявӣ рух медиҳад. Мас., CO_2-ро фурӯ бурдани CaO ва NH_3-ро фурӯ бурдани об. А.-и интихобӣ – бартарӣ доштани А.-и як модда назар ба А.-и моддаи дигар аст. Мувофиқи қонуни Панету Фаянс дар адсорбенти сахт бештар ионҳое, ки ба таркиби он дохил мешаванд, ё ба он ягон умумият доранд, А. мешаванд. Мас., дар зарраҳои $CaSO_4$ ионҳои Ca^{2+} ва ионҳои SO_4^{2-} А. хоҳанд шуд. Ионҳои валенташон зиёд аз ионҳои валенташон кам зудтар А. мегарданд. Бузургии А. ба ҳарорат, сатҳи адсорбент, консентратсияи модда, табиати физикавию химиявии адсорбент ва ғ. вобаста мебошад. Дар адсорбентҳои сахт А. шудани ионҳо аҳамияти калон дорад, чунки раванди ба ҳуҷайраҳо ворид шудани моддаҳои минералӣ ва ғизо ба ҳамин асос ёфтааст. А. дар софкории шарбат ва май, катализ ва хроматография низ муҳим аст. Истифодаи А. хоса бо фоликулятҳо (полиакриламид, полиоксиэтилен), желатина ва поливинилпирролидон муфид аст. А.-ро барои ҷудо кардани моддаҳои фаъоли биологии холис – ферментҳо, витаминҳо ва ғ. низ истифода мекунанд. А. дар ҷараёни флотатсия, олкорӣ, тозаву соф кардани об, тоза кардани ҳаво (аз газҳои заҳрнок), таҳлили омехтаҳои мураккаб кор фармуда мешавад.

Ад.: Евстрабова К. И., Купана Н. А., Физическая и коллоидная химия, М., 1990; Самиев М. С., Тӯраев О. Д., Асосҳои химияи умумӣ ва физколлоидӣ, Д., 2004. *М. Самиев.*

АДУЛЯ́Р, минерал, як намуди ортоглази шаффофу беранг, санги қамарӣ. Ба ифтихори маҳали Адуляри Швейтсария, ки бори аввал кристаллҳои он дар он ҷо ёфт шуда буданд, номгузорӣ шудааст. А. аз ҷинсҳои магмавии кӯҳӣ иборат буда, алкомисилакатори калий $K[AlSi_3O_8]$ мебошад. Дар табиат дар шакли кристалл ё ғурӯша вомехӯрад. Сахтиаш аз рӯи шкалаи Моос – 6. А. санги нимгаронбаҳо маҳсуб ёфта, як намуди шаффоф ва ё нимшаффофи шпати даштӣ аст. Ҷилои шишагуни нилобӣ дорад. А. барои сохтани маснуоти заргарӣ истифода мешавад. А.-ро баъзан «сангӣ яхмонанд» ё «чашми моҳӣ» низ меноманд. Конҳои А. дар Швейтсария, Шри-Ланка, Бирма, Танзания, Ҳиндустони Ҷанубӣ, ИМА ва Тоҷикистон мавҷуданд.

АДҲА́МОВ Акобир Адҳамович (4. 9. 1928, Самарқанд – 2. 10. 1992, Душанбе), физики тоҷик, узви пайвастаи АИ ҶТ (1968), доктори илмҳои физика ва математика (1964), проф. (1966). Хатмкардаи Ун-ти давлатии Ӯзбекистон ба номи А. Навоӣ (1949), аспиранти Ун-ти давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (1950 – 53). Муаллими калон (1953 – 54), мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ (1954 – 56), декани фак-ти физика ва математика (1956 – 58), ноиби ректор оид ба корҳои илмии (1958 – 65) УДТ, директори Ин-ти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров (1965 – 92), саркотиби илмии Раёсат (1965 – 68), академик – котиби шӯъбаи илмҳои физикаю математика, химия ва геология (1976 – 84), ноиб-президенти АИ ҶТ (1991–92) буд. Таҳти роҳбарии А. дар Инти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров шӯъбаи физикаи назариявӣ, лабораторияҳои ултрасадо, физикаи нимноқилҳо ва маводи диэлектрикӣ, таҳлили рентгеноструктурӣ, таҳлили активатсионӣ, электроникаи квантӣ, физикаи ҳароратҳои паст (криогенӣ) ва техникаи офтобӣ (гелиотехника) таъсис ёфтанд. Тадқиқоти А. ба акустикаи молекулавӣ ва назарияи кинетикии паҳншавии мавҷҳои ултрасадо бахшида шудаанд. А. дар



Тоҷикистон аввалин шуда назарияҳои молекулавӣ-кинетикии паҳншавӣ ва фурӯбарии ултрасадо дар моеъҳо, резонанси фурӯбурди садо дар муҳитҳои конденсӣ, кинетикаи хосиятҳои чандирию часпакии моддаҳои ғайриякҷинса ва ҳодисаҳои интиқол дар моеъҳо, хосиятҳои хоси теплофизикӣ, динамикӣ ва оптикии кристаллҳо, инчунин гудохташавии вакансионии кристаллҳоро таҳқиқ намудааст. Таҳти роҳбарии А. зиёда аз 20 нафар рисолаҳои номзадиву докторӣ илмиро дифоъ намудаанд. Муаллифи 300 мақола ва 3 асари илмӣ. А. узви якчанд шӯроҳои илмии АИ СССР ва раиси Шӯрои илмӣ доир ба проблемаҳои амалии АИ РСС Тоҷ., ҷонишини раиси Шӯрои илмии УДТ оид ба ҳимояи рисолаҳо, узви ҳайати таҳририяи Энсиклопедияи Советии Тоҷик, депутати Шӯрои Олии РСС Тоҷ. буд. Бо ордени «Нишони фахрӣ» ва медалу ифтихорномаҳои РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

Ос.: Применение метода функций Грина в классической статистической механике, Д., 1975; Физические основы акустоэлектроники, Д., 1986; Молекулярная теория структурной релаксации и явлений переноса в жидкостях, Д., 1998.

С. Одинаев.

АДҲА́МОВ Ғайрат Сарҳадович (тав. 31. 5. 1958, деҳаи Бедаки ноҳ. Панҷ), ходими ҳарбии тоҷик, генерал-лейтенант (2006). Хатмкардаи шӯъбаи ғоибонаи фак-ти иқтисодиёти ДДТ (1993). Коргари Комбинати хонасозии ш. Душанбе (1975 – 77), хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1977 – 79), таҳсил дар курси ронандагӣ ва коргари з-ди ба номи Лихачёви ш. Москва (1979 – 81), донишомӯзи савхозтехникуми ба номи Куйбишеви ноҳ. Бохтар; (1981 – 84), байтори ноҳ. Панҷ (1984 – 85) ва коргари базаи нефти к-зи ба номи Калинини ноҳ. Панҷ (1985 – 92), командири яке аз гурӯҳҳои мусаллаҳи собиқ иттиҳоди мухолифини тоҷик (1992 – 99), муовини аввали Вазири мудофиаи ҶТ (1999 – 2006). Аз с. 2007 муовини Вазири мудофиаи ҶТ.



Н. Шарипов.

АЁЗ, Аёс, Оёз (с. тав. номаълум – ваф. 1058), ғуломи Султон *Маҳмуди Ғазнавӣ*, ки ба василаи садоқати фавқулодаи худ ба хоҷааш ва ақли расояш то ба мансаби вазирӣ расид. Дар замони ҳукмр. Масъуд – писари Маҳмуд А. вил-ҳои Қаздор ва Моконро идора менамуд. А. ба тимсоли бадеӣ табдил ёфта, дар адабиёти Шарқ, хусусан адабиёти форс-тоҷик, аз ҷузъиёти ҳаёти ӯ нақлу ривоятҳои бисёр ба вуҷуд омадаанд. Мас., дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор исми А. борҳо вомехӯрад ва ҳикоёту латифа дар бораш оварда шудаанд. Ба симои А. асосан адибони орифи адабиёти шарқ Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абулфарачи Рунӣ, Саноӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва диг. таваҷҷӯҳ намуда, аз он барои аҳдофи ирфониву суфиёнаашон истифода кардаанд:

Гар ту марди толибиву ҳақшинос,
Бандагӣ кардан биёмӯз аз Аёс.

Аттор.

Ҳусн буд он ки дар либоси Аёз,
Хонд Маҳмудро ба кӯйи ниёз.

Ҷомӣ.

Хештанро ту раҳо кун чун Аёс,
То зи шоҳ бинӣ ту лутфи беқиёс!

Румӣ.

А. М. Хуросонӣ.

АЁЗҚАЛЪА, харобаи се қалъа дар ноҳ. Берунии Қароқалпоқистон, ки ба а-ҳои 4 – 2 то м. тааллуқ дорад. Соли 1937 экспедитсияи Хоразм ҳафриёти археологӣ ва тадқиқоти онро оғоз кард. Қалъаи сеюм муфассалтар омӯхта шуд. Вусъаташ 260 х 180 м буда, аз саҳни ҳавлӣ ва 40 хона иборат аст. Вусъати умумии хонаҳо 2400 м^2. Девори хонаҳо аз хишти хоми чоркунҷа бардошта шудааст. Дар А. ашёи сафолӣ, олоти меҳнат, аслиҳа, тангаҳои мансуб ба давраи *Кушониён*, аз ҷумла тангаи *Канишка* ёфт шудаанд. А. дар он замон дар шим. шарқии Хоразм яке аз истеҳкомҳои муҳим буд.

АЁНИЯ́Т дар таълим, истифодаи воситаҳои аёнӣ, ки ба инкишофи тафаккури хонандагон ёрӣ мерасонанд. А.-ро педагоги чех Я. А. Коменский (1592 – 1670) пешниҳод кардааст. Педагоги рус К. Д. Ушинский таълимеро, ки на дар тасаввуроти абстрактӣ, балки дар образҳои мушаххаси ашё ифода ёфтааст, таълими аёнӣ меномад. Дар ҳамаи мактабҳои Тоҷикистон хусусан барои хонандагони хурдсол, ки захираи дониши онҳо дар бораи олами гирду атроф кам аст, дар таълим воситаҳои аёнӣ истифода карда мешаванд. Якчанд намуди А. вуҷуд дорад: А.-и образнок ё хотиравӣ, А.-и шайъӣ (экскурсия, дарс бо нишон додани растанӣ ва ҳайвонот), А.-и тасвирӣ (суратҳо, моделҳо ва ғ.).

АЁНИЯ́ТИ АТМОСФЕРӢ, имконияти бо чашм дидани объектҳои дур, ки аз мушоҳидагар бо қабати ҳаво ва ё дигар фазои тиракунанда ҷудо карда шудааст. А. а. рӯзона, бегоҳӣ ва шабона мешавад. А. а.-и шабона дар навбати худ ба А. а.-и объектҳои равшанидиҳанда ва худравшанинадиҳанда ҷудо мешавад. А. а.-ро бо дурии аёният, яъне масофае, ки дар он объекти мушоҳидашаванда (бино, кӯҳ ва ғ.) бо чашми одӣ дида намешавад (ба шарте, ки объект ба андозаи кофӣ калон буда, дар паси уфуқ паноҳ нашавад ва аёнияти он фақат ба шаффофияти ҳавои атмосфера вобаста бошад), тавсиф медиҳанд. А. а., бевосита ба мавҷудияти зарраҳои чанг, қатраҳо ва кристаллҳои майдатарини об вобаста мебошад; онҳо рӯшноиро пароканда намуда, дурии аёниятро аз якчанд км то якчанд метр (дар ҳавои туман, боришот, тундбод, чангбориш) кам мекунанд. Дар А. а.-и объектҳои худравшанинадиҳанда тафриқаи байни дурахшонии объект ва манзари онро ихотакунанда – К хеле муҳим мебошад, ки он бо формулаи К= ΔВ/В муайян карда мешавад. Дар ин ҷо ΔВ – фарқияти байни дурахшонии аёнии объект ва манзар ва В – дурахшонии аёнии манзар мебошад. Қимати хурдтарини К, ки дар он чашм объектро дида метавонад, ҳадди ҳассосияти чашм – *е* номида мешавад. Барои объектҳое, ки таҳти кунҷи биниш α-и аз 1° калон дида мешаванд, дар рӯшноии рӯзона *е* ба андозаҳои кунҷии объект ва мунаввараш кам вобаста мебошад. Аёнияти чароғҳоро, ки, одатан, чун манбаъҳои нуқтагии рӯшноӣ баррасӣ намудан мумкин аст, аз рӯи мунавваришон дар ҷои мушоҳида муайян мекунанд. Омӯзиши А. а. барои ҳаракати ҳамаи намудҳои нақлиёт (аёнияти аломатҳои роҳ, истгоҳҳо ва ғ.), корҳои топографӣ (аёнияти аломатҳои триангулятсионӣ), аэроаксбардорӣ ва корҳои ҳарбӣ аҳамияти калони амалӣ дорад. Тағйирёбии А. а. ба ивазшавии обу ҳаво зич вобаста аст. Аз ин рӯ, дар пойгоҳҳои метеорологӣ А. а.-ро пайваста мушоҳида карда, қимати онро дар пешгӯии обу ҳаво истифода мебаранд. Барои беҳтар кардани А. а.-и объектҳои андозаҳои кунҷиашон хурд дурбинро истифода бурдан мумкин аст. Дар ҳолати набудани туман ва хокбориш аз шишаи сурх мушоҳида намудани ҷойҳои дур беҳтар мешавад, зеро шишаи сурх нурҳои кабуди фазоро намегузаронад. Ғайр аз ин, ҷойҳои дурро бо шуоъҳои инфрасурх аксбардорӣ кардан мумкин аст. Бо ис-

тифода аз радиолокатсия объектҳоро дар ҷойи торик, тумани ғафс ва абр ошкор ва ё аксбардорӣ мекунанд.

АЁС, якбора паст шудани ҳарорати рӯи замин ва қабати ҳавои наздизаминӣ дар охирҳои тирамоҳ, зимистон ва авв. баҳор. А. радиофаъол, адвективӣ ва адвективию радиофаъол мешавад. Вақте ки дар ҳавои соф боди сабук мевазад, афканишоти сатҳи Замин ба дарачаи баландтарин расида, А.-и радиофаъол ба амал меояд. Дар натиҷаи аз ягон минтақа ба самти уфуқӣ босуръат ҳаракат кардани ҳавои хунук А.-и адвективӣ рух медиҳад (ниг. *Адвексия*). Дар як вақт ба амал омадани ин ду ҳодиса А.-и адвективию радиофаъолро ба вуҷуд меорад. Дар ох. тирамоҳ ва авв. баҳор дар натиҷаи А. рӯи замин яхи тунук баста, ба соҳаи кишоварзӣ зарари калон мерасонад.

АЖДА́Р, 1) Draco – як гурӯҳи ҷонварони хазанда. А. 14 намуд дошта, бештар дар галаҷазираи Малай ва Осиёи Ҷанубӣ (Ҳиндустон) дучор меоянд. Дарозиашон то 30 см, думашон борики дароз. Дар паҳлӯ пӯсти чин дар чин («парашют») дошта, ба воситаи он то 20 – 25 м парвоз мекунанд. Одатан дар болои дарахтон маскан мегиранд. Маъмултарини онҳо А.-и паррон (D. volans) аст. 2) Varanus komodensis (А.-и Комодо), калонтарин ва қадимтарин хазанда. Дар ҷаз-ҳои Комодо, Ринҷа ва Флореси галаҷазираҳои Зонди Хурд сукунат дорад. Дарозиаш 3 – 3,5 м, вазнаш 130 – 166 кг, сараш чун сари мор, думаш калон, танаш пулакчадор. Хуб шино мекунад. Ғизояш ҳайвонҳои сумдор (гавазн, асп, гуроз ва ғ.), маймун ва диг. ширхӯрҳост. Сайдашро бо дум зада меафтонад, баъзеашонро яклухт фурӯ мебарад. Моҳҳои май зери решаи дарахт ё харсангҳо то 25 дона тухм мегузорад. Баъди 8 – 8,5 моҳ аз тухм аждарбачаҳо мебароянд.



Аждар.

АЖДАРДАҲО́Н, гули маймун, гули хандон, сагдаҳон (Antirrhinum), як навъ растании як, ду ва бисёрсолаи ороишӣ. Баландиаш аз 15 то 100 см. Пояш сершоху барг, баргҳояш нештаршакл ё байзашакл, рӯ ба рӯ ё пай дар пай ҷой гирифтаанд. Гулаш дучинса, гулбаргҳояш сафед, зард, гулобӣ, норанҷӣ, сурх (мисли «даҳони аждар»). Ғӯзааш байзашакл (дарозиаш 12 – 17 мм), сертухм ва сермӯяк, тухмаш майда. Қариб 50 намудаш дар минтақаҳои гарми иқлими ҷаҳон паҳн гардидааст. Соли 1940 ба Боғи ботаникии АИ ҶТ як намуди А. – А.-и бӯстонӣ (A. majus) оварда шуд. Алҳол онро дар боғу гулбоғ, хиёбону растаҳо парвариш мекунанд. А.-и бӯстонӣ гули равшанипарвард ва сармобардор аст. Аз тухм ва қаламча зиёд мешавад. Пояш рост ва сершоху барг, то 1 м қад мекашад. Аз моҳи май – июн то фарорасии сармо шукуфта, тухм мебандад. Гултӯдааш хӯшамонанд, гулҳои алоҳидааш нисбатан калони мӯякдор (дарозиаш 3,5 см, бараш 3 см) ва хушбӯй, рангаш арғувонӣ, зард, сафед, сурх ва ғ. Алҳол 7 навъи он ба шароити иқлими Тоҷикистон мутобиқ гардонда шудааст. Такр. 3 – 4 рӯз пеш аз кишти тухмӣ ё шинондани кӯчати А., барои нест кардани алафҳои бегона ба ҳар га замин 4 л маҳлули трефлан мепошанд. Тухми А.-ро ба замини нарму ҳосилхез дар чуқурии то 2 см (ох. тирамоҳ; дар бӯстонҳо – зимистон) коштан беҳтар аст. Тухмиро баробари гарм шудани хок моҳи апр. ҳам коштан мумкин. Он баъди 12 – 14 рӯз неш зада мебарояд. Навъҳои зудраси А. баъди 70 – 80 рӯз, деррасаш баъди 90 – 100 рӯзи коштани тухмӣ мешукуфанд. Кӯчаташро аввалҳои моҳи май мешинонанд. Аз навъҳои дурагаи гетерозисӣ навъи гултӯдааш калони камбаргу камшохи «Мадам Баттерфляй» рӯёнда шудааст; он дар ҳама гуна шароити обу ҳаво нағз месабзад. А. аз тортанаккана, трипс, ширинча, зиреҳаку нематодаҳо осеб дида, ба касалиҳои фузариоз, занбӯруғҳои гарда, занга, септориози барг, пӯсиши реша ва ғ. гирифтор мешавад. Тухми А.-ро дар халтаҳои латтагин нигоҳ медоранд. Қобилияти сабзиши тухмӣ чанд сол маҳфуз мемонад.

Ад.: Глебова А. А., Травянистые растения, дар кит.: Растения для декоративного садоводство, М., 1986; Дрягина И. В., Кудрявцев Д. Б., Селекция и семеноводство цветочных культур, М., 1986; Головкин Б. Н., Декоративные растения СССР, М., 1986; Юнусов С. Ю., Семейство норичниковые, дар кит.: Флора Таджикской ССР, т. 8, Л., 1986.



Аждараҳон (Antirrhinum).

АЖДАҲО́, махлуқе ба сурати мори калони сесар, ҳафтсар, ки дар устураҳо, афсонаҳо, достонҳо, қиссаву ривоятҳо, адабиёти даҳанакӣ ва хаттии тоҷикӣ амал менамояд. Сарманшаи ин тимсол Ажи Даҳакаи Авесто мебошад. Дар адабиёти форс-тоҷик, мас. дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба *Заҳҳок* табдил ёфтааст. Дар афсонаҳои халқи тоҷик, қиссаҳои адабиёти омиёна А. ба мардум зарар, ваҳшату даҳшат меовараД. Бо оташе, ки аз пӯзаҳояш мебарорад, ҳама ҷою макон, одамонро месӯзонад. Қаҳрамонони накӯкори қиссаҳову ривоятҳо, афсонаҳо ба ҷанг бо А. рафта пирӯзӣ ба даст меоваранд. Дар адабиёти даҳанакӣ ва хаттии тоҷикӣ А. киноя аз шамшер, теғ, занҷири пои зиндониён ва ғ. мебошад. Вожаҳои зиёде бо калимаи А. – аждарфикан, аждарандоз, аждаҳобора, аждаҳодӯш, аждаҳокеш, аждаҳопайкар, аждаҳошикор, аждаҳочашм, аждаҳодил ва ғ. дар осори адабӣ корбаст шудаанд. А. дар адабиёти даҳанакӣ ва хаттии Япония, Корея, Чин, Вйетнам ва диг. кишварҳои Шарқи Дур тимсоли мусбат аст.

Ад.: Раҳмонӣ Р., Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ, Д., 1999. *Р. Раҳмонӣ.*

А́ЖИ ДАҲА́КА, ниг. *Заҳҳок*.

«АЗ БАРОИ ХИДМАТ ВА ХАЙРХОҲӢ», аввалин медали тоҷикӣ, ки с. 1885 амири Бухоро – *Музаффар* таъсис додааст. Бо А. мансабдорону ашхоси маъруфи аморати Бухоро ва хориҷӣ мукофотонида мешуданд. А. аз се доираи кутрашон гуногун иборат буда, сирдавонӣ шудааст. Дар

Медали «Аз барои хидмат ва хайрхоҳӣ» дараҷаи II



қисми болои он гӯшак барои тасмача мавҷуд буда, доираи берунааш нақшунигордор мебошад. Дар доираи дуюм номи медал, доираи сеюм макони сохтан ва дар доирачаи хурд санаи ба салтанат нишастани амири вақт навишта шудааст. Дар қафои баъзе медалҳо номи шахсони мукофотонидашуда ва рақами тартибӣ ҳам сабт мегардид. А. се дараҷа дошт: Дараҷаи I ҳашткунҷаи тиллоӣ буда, тасмачаи сурх дошт ва дар гардан овехта мешуд. Дараҷаи II даврашакли тиллоӣ аст ва онро бо сӯзанак дар сина меовехтанд. Дараҷаи III нуқрагин буд ва онро дар гардан меовехтанд. Солҳои охири мавҷудияти аморати Бухоро А.-ро аз хӯлаҳои тиллоӣ ё биринҷӣ месохтанд. *М. Холов.*

АЗ КОР ДУР КАРДАН, муваққатан боз доштани муносибатҳои меҳнатӣ, ки мутобиқи талаботи мақомоти дахлдор сурат мегирад. Дар асоси моддаи 54 Кодекси меҳнати ҶТ корфармо ӯҳдадор аст, ки бо талаби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории ҷумҳурӣ кормандро аз кор дур кунад. Корфармо ҳақ надорад, ки корманди дар ҳолати мастӣ (аз шароб, моддаҳои нашъаовар ё махмуркунанда) ба кор ҳозиршударо дар ҳамон рӯзи корӣ ба кор роҳ диҳад. Дар давраи аз кор барканор кардан музди меҳнат дода намешавад.

АЗ КОР ОЗОД КАРДАН, қатъ шудани қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ дар ҳолатҳое, ки Кодекси меҳнати ҶТ пешбинӣ намудааст. Моддаи 44-и Кодекси меҳнати ҶТ асосҳои зерини қатъ гардидани шартномаи (қарордоди) меҳнатиро пешбинӣ намудааст: 1) созишномаи тарафҳо; 2) ташаббуси корманд; 3) ташаббуси корфармо; 4) гузаштани мӯҳлат; 5) ҳолатҳое, ки ба иродаи тарафҳо вобаста нестанд (бо ҳукми суд барҳам хӯрдани корхона, кам шудани шумораи кормандон).

«АЗ РОБИА́ ТО ПАРВИ́Н», асари адабиётшиноси Эрон Кашоварзи Садр, ки с. 1955 дар Теҳрон ба табъ расидааст. «А.» ҳаёт ва фаъолияти 105 шоираи форсизабонро, ки дар а-ҳои 9 – 20 зистаанд, фаро мегирад. Муаллиф дар муқаддима роҷеъ ба мавқеи зан дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва маданиву адабии Шарқ, аз ҷумла дар хусуси занони маъруфе, ки дар идораи давлат ширкат доштанд, мухтасар маълумот додааст. Қисми дуюми муқаддима «Таъсири занон дар шеъри форсӣ» ном дорад. Дар ин қисм муаллиф роҷеъ ба Робиаи Балхӣ сухан ронда, аввалин шоираи форсизабон будани ӯро исбот кардааст. Дар асар мавқеи Маҳастии Хуҷандӣ ва Парвини Эътисомӣ дар таърихи адабиёт муайян шудааст. Қисми «Зан ва ирфон» ба Фотимаи Нишопурӣ ва Зубайдаи Фаришта ва қисми «Зан ва ҳунарҳои дигар» ба занони ҳунарманд – Ҳоҷиямоҳ, Рухсорхонум ва Мутриба бахшида шудааст. Дар қисми асосии китоб ному насаби шоираҳо (ба тартиби алифбои форсӣ), тарҷумаи ҳол ва намунаҳои ашъорашон омадааст. Дар охири асар номгӯи «Маъхазе, ки дар муқаддима ва матни ҳавошӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд», «Феҳристи муқаддима», «Феҳристи матни китоб ва ғалатнома» ҷой гирифтаанд. «А.» барои тадқиқи эҷодиёти шоираҳои форс-тоҷик аҳамияти бузург дорад. *М. Муллоаҳмадов.*

АЗА́ЛУ АБА́Д, мафҳумҳои динӣ, фалсафӣ ва каломӣ, ки ибтидоӣ (аз азалият) ва беинтиҳоӣ (абадият)-и мавҷудияти олами моддӣ ва ҷовидонии онро ифода мекунанд. Азал дар луғат маънои беоғозӣ, бидуни ибтидо ва абад маънии ҳамешагӣ, беанҷомӣ, доимӣ ва ҷовидиро ифода мекунад. Дар дин ва фалсафаву калом А. а. ба маънои Худованди беоғозу анҷом истифода мешавад. Дар зурвония он ба маънии замони бекарона омадааст. А. а. дар Қуръон ба маънии истилоҳӣ (дунявию ухравӣ) 29 маротиба такрор шудааст (Нур, 4:24; Аҳзоб, 53:33, Нисо, 57:4, Тавба, 22:9). Дар дин ҳамаи ҷавҳарҳои ҷовидона (муҷаррад)-и олами улвӣ ба мисли худи Офаридгор азалию абадӣ мебошанд. Дар фалсафа азалию абадии олам вобаста ба азалию абадии худи Худованд аст. Ибни Сино ҷаҳлро сабаби ҳалокати абад дониста, зикр мекунад, ки агар иллати вуҷуди чизе вобаста ба Худо бошад, он ҳамеша боқӣ хоҳад буд. Муассиси фалсафаи ишроқ Шаҳобуддини Суҳравардӣ файзу ишроқи Ҳақро абадулободи беҳаду ниҳоят қаламдод намуда, замонро абадию азалӣ мепиндорад. Носири Хусрав абадро беохир ва азалро бе аввал таъбир намуда, таъкид мекунад, ки ҳар чӣ азалӣ бошад, бешубҳа, он абадист, «зеро азалӣ он бошад, ки тағйиру табдил ба он роҳ набошад», чун фанонопазир аст. Ӯ дар асараш «Хон-ул-ихвон» менависад: «Азалӣ мар чизеро гӯянд, ки ӯро оғоз набошад ва абадӣ мар чизеро гӯянд, ки ӯро анҷом набошад». Садруддини Шерозӣ А. а.-ро ба вуҷуд интиқол дода, онҳоро маротиб ва ҷилваи вуҷуди мунбасити воқеъ дар ҳамаи олами улвию сифлӣ донистааст. Файласуфони даҳрӣ ва аҳли табойеъ ба мисли Ибни Ровандӣ, Эроншаҳрӣ, Абубакри Розӣ ва диг. азалияту абадият-ро тавсифҳои ҷаҳони моддӣ шуморида, ба чунин хулоса омадаанд, ки олам қадим аст, ӯро офаридгоре нест, балки азалист, ҳамеша ҳаст ва ҳама вақт хоҳад буд. «Азалӣ он бошад, ки вуҷуди иллат нест, балки мавҷуд аст бе иллате… бақои ӯро на аввал асту на охир.»

Илми калом ва умуман фалсафаи идеалистӣ А.-ро сифатҳои илоҳӣ шуморида, олами офаридашударо ҳодис ва абадияти онро эътироф намекунад. Машшоиён (Ибни Сино, Насируддини Тусӣ, Ибни Рушд ва диг.) азалияту абадияти оламро аз азалию абадӣ будани Худо дониста, оламро низ ба мисли Худо абадию азалӣ талаққӣ мекарданд. Ба ибораи дигар, агар Худо ҳамчун сабаби мавҷудияти олам азалию абадӣ бошад, олам низ чун натиҷаи амали вай қадиму абадӣ ва фанонопазир аст, зеро сабабу натиҷа бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд ва ҳастии сабаб ҳамеша мавҷудияти натиҷаро тақозо дорад.

Дар ирфони назарӣ баъзе намояндагони тасаввуф ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мафҳумҳои А. а.-ро дар осорашон истифода бурдаанд. Қайсарӣ гуфта, ки «азалияти озол ва абадияти уббод вижаи вуҷуди илоҳист.» Аз ин рӯ, ӯ замонро азалию абадӣ шуморидааст. Неъматуллоҳи Валӣ асмои сифатҳои илоҳиро азалию абадӣ ва таҷаллии асмоъро ғайримутаноҳӣ тасвир кардааст.

Ад.: Абуалӣ Ибни Сино, Осор, ҷ. 1, Д., 2005; Носири Хусрав, Ҷомеъ-ул-ҳикматайн,

Т., 1349; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ч. 3 Т., 1368. *М. Ҳазратқулов.*

АЗАМА́ТОВ Вайсиддин (тав. 25. 12. 1952, д. Калкоти ноҳ. Данғара), генерал-майори хизмати дохила. Шӯъбаи гидромелиоратсияи Политехникуми ш. Душанбе (1971) ва Мактаби олии Ҳизби коммунистии Иттифоқи Советӣ дар Тошкандро хатм кардааст (1983). Солҳои 1984 – 2001 аввал муовини сардор оид ба қисми сиёсӣ, сипас муовини сардор оид ба кор бо ҳайати шахсии ШКД-и ноҳ. Данғара, сардори ШКД-и ноҳ. Темурмалики вил. Хатлон, 2001 – 06 сардори Раёсати агентии назорати маводи наъшаовари назди Президенти ҶТ дар вил. Хатлон буд. Аз с. 2006 муовини аввали директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ. Бо медалҳо сарфароз гардидааст.



АЗАМА́ТОВА Сталина Азимовна (тав. 2. 1. 1940, ш. Душанбе), артисти балет ва балетмейстери тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2005). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи академии хореографии ба номи А. Вагановаи Ленинград (1958) ва фак.-ти балетмейстерии Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи А. Луначарскийи ш. Москва (1977). Солҳои 1958 – 77 раққосаи балет ва балетмейстери Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ, 1978 – 90 муаллимаи Мактаби хореографии ш. Душанбе. Аз с. 1991 сарбалетмейстери Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ. Эҷодиёташ серпаҳлу ва гуногунранг аст. Дар саҳнаи балет ролҳои бисёре иҷро кардааст: Франческа («Франческа да Риминӣ»-и П. Чайковский), Фонӣ («Бо роҳи раъди ғуррон»-и Қ. Қараев), Ҷулйетта («Ромео ва Ҷулйетта»-и С. Прокофев), Клеопатра («Шабҳои Миср»-и А. Аренский) ва ғ. Чандин балет – «Марги судхӯр»-и Т. Шаҳидӣ, «Камони сеҳрнок»-и М. Атоев, «Писарча ва Карлсон»-и Ю. Тер-Осипов, филм-балети «Рубоиёти Хайём»-и Т. Шаҳидӣ ва ғ.-ро ба саҳна гузошта, ба як силсила операҳо («Шӯриши Восеъ»-и С. Баласанян, «Қишлоқи тиллоӣ»-и Д. Дӯстмуҳаммадов, «Демон»-и А. Рубенштейн, «Дон Жуан»-и В. Мотсарт ва ғ.) ва асарҳои мусиқӣ («Талбак Лолаев», «Аз рӯзгори Абуалӣ Сино»-и Т. Шаҳидӣ, «Дар оилаи тифоқ»-и Ю. Тер-Осипов ва ғ.) рақс таҳия намудааст. Муаллифи либреттои як силсила балетҳо («Камони сеҳрнок», «Дар ёди дил», «Марги судхӯр», «Писарча ва Карлсон» ва ғ.) аст. Солҳои охир бо вуҷуди мушкилоти иқтисодӣ дар Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ як қатор балетҳои нав – «Дон Кихот», «Карашмаҳои муҳаббат», «Буратино», «Сиёвуш», «Юсуф ва Зулайхо», «Шабҳои Миср» ва ғ.-ро ба саҳна гузоштааст. Чун балетмейстери бомаҳорату пуртачриба дар тарбияи раққосони балет ва равнақи рақси касбии тоҷик хидмати босазо намудааст.

АЗАМЕТИОФО́С, алфакрон, як навъ инсектисид. Моддаи сафеди кристаллӣ. Дар шакли хокаи намкаши 50-фоиза, консентрати эмулсияи 10-фоиза, аэрозол ва ғ. истеҳсол мекунанд. Барои нест кардани ҳашароти зараррасон – нонхӯрак, магас, хелҳои гуногуни пашша ва ғ. истифода мешавад.

АЗҒӢЧ, ажғич, девпечак (Cuscuta lehmanniana), як навъ гиёҳи худрӯи бебаргу береша аз ҷинси *зарпечак*. Пояаш танобмонанди печанда, сурх, бӯртоб ё хокистарранг буда, доғҳои сурхча дорад; одатан шохаронда мешавад. Хӯшагулаш сергул, дароз (то 8 – 9 см), гулаш қифмонанди гулобитоб (дарозиаш 5 – 7 мм), думчадор ё бедумча аст; гулбаргаш ғафси сероб. Ғӯзааш бӯртоб (дарозиаш 5 – 6 мм, бараш 4 – 5 мм), байзашакл, одатан ҷилодор ва 3 – 4-тухма. Тухмаш гирдаи дилшакл, зардтоб ё қаҳваранг (вазни 1000-донааш 6 – 10 г). А. фақат як сол нумӯ меёбад, баъди гул карда тухм бастан (май – окт.) нобуд мегардад. А. ба поя, шоху навдаи гиёҳҳо ва буттаву дарахтон печида, ширai онҳоро мемакад. Агар А. зиёд бошад, ба ҷангал, буттаву дарахти мевадор, юнучқа ва пахта зарари калон мерасонад. Дар табиат аз А. бештар гиёҳи сус ё ширинбуя, шутурхор, лух, пудинаи лалмӣ, буттаву дарахтон – газ, зағоза, лифток, шӯлаш, дулонаи сурхак, талхакбодом, фарк ва ғ. осеб мебинанд. А. асосан дар доманакӯҳҳои Қурама, воҳаи д. Сир, қ-кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз ва мавзеъҳои ҷан. Тоҷикистон (300 – 1500 м баландтар аз с. б.) дучор меояд. Миқдори зиёди А. барои чорво заҳрнок аст. А.-ро бо ёрии *гербисидҳо* нест мекунанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 7, Л., 1984.

М. Хочиматов.



Азгич.

АЗДО́Д (ар. ҷамъи муқобил), дар фалсафа таъсири мутақобили ҷиҳатҳои мухолифи ашёю ҳодиса ва ваҳдати ботинии онҳо. Дар фалсафаи бостонии Юнону Эрон ва асрҳои миёнаи Шарқ дар шаклу намудҳои гуногун зоҳир шудааст. Муборизаи нуру зулмат, хайру шар, покию зиштӣ ва ғ. дар *Зардуштия*, муқобилгузории ваҳдату касрат, собиту мутағаййир, ҳодису қидам, улвию сифлӣ, имкону воҷиб ва ваҳдати ботинии онҳо ба мавҷудияти А. дар афкори ақлии мутафаккирон шаҳодат медиҳанд. Ин нукта хусусан дар афкори натурфалсафаи онҳо бараъло мушоҳида мешавад ва масъалаи нуқсу камол, шиддату заъф ва ғ. ба мадди аввал мебарояд.Ниг. низ *Зиддият.*

АЗЁДКУНӢ, яке аз равандҳои муҳим ва асосии хотира. Он ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ, механикӣ ва мантиқӣ мешавад. А. барои дар хотир мустаҳкам нигоҳ доштани маводи даркшуда, фикр, амал, таассуроту ҳиссиёти равонӣ (психологӣ) мусоидат менамояд. Дар раванди А. амал, фикр ва таассуроти ҷудогона мустаҳкам мешаванд. А. дар таълими ҳамаи фанҳо – математика, физика, химия, биология, география, таърих, забон, адабиёт, корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва ғ. васеъ истифода мегардад. А. гуногун мешавад: аз ёд кардани мазмуни маводи таълимӣ; аз ёд кардани қоидаҳо, қонунҳо ва формулаҳо, таърихи рӯз ва солҳо; аз ёд кардани порчаҳои назму наср ва ғ. А. характери таълимӣ дошта, бо мақсади дер ва ё муваққатан дар хотир нигоҳ доштани маводи таълим дар дарсҳо, корҳои берун аз синф, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ мадад мерасонад. А.-и муваққатӣ ҳангоми иҷро намудани баъзе корҳои берун аз синф истифода мешавад. Мас., дар

ҷамъомадҳо, шабнишиниҳо, шаби саволу ҷавоб ва ғ. муаллим ба талабагони ҷудогона аз бар намудани ягон порчаи шеърӣ, повест ва ё диг. асари бадеиро месупорад. Ин тарзи А. муваққатӣ буда, шояд маводи азбаршуда дигар ба кор наояд. Аз тарафи дигар он на хусусияти оммавӣ, балки махдуд дошта, теъдоди ками хонандагонро дар бар мегирад. *Ғ. Нуриддинов.*

АЗИ́З Қорӣ Муллоазизхоҷаи Қундузӣ (мулаққаб ба Эшончон), шоири тоҷик (ох. а. 19 – ибт. а. 20). Аз зодгоҳаш – Қундуз барои таҳсил ба Бухоро омада, то охири умр дар ҳамин ҷо зиндагӣ ва эҷод кардааст. Муддате қозии Ҳисор буд. Баъд ба Бухоро баргашт ва дар мадрасаи Абдулазизхони Бухоро ба тадрис машғул шуд. Дар тазкираҳои *Мӯҳтарам* ва *Садри Зиё* А. чун шоири тавонову боистеъдод тавсиф шудааст. Дар ашъораш ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ, мазаммати беадолатӣ, панду насиҳат ва ғ. мурочиат кардааст. Забони ашъораш содаву равон аст. Абёти зерин аз ӯст:

Намо зи лутф ба гулзор рӯи тобонро,
Ба оби шарм бишӯ равнақи гулистонро.
Кушо зи зулф гирех, нех ба орази гулгун,
Бипеч гирди гулу лола сунбулистонро.
Хиром сӯи чаман бо қаду хати мушкин,
Ғулому бандаи худ соз сарву райҳонро.
Бикун табассуму дандон намой, то нахаранд
Ба як фулусу ба як ҷав ақиқу марҷонро.
Дари биҳишт ба рӯи Азиз баста макун,
Биё барои Худо, боз кун гиребонро!

М. Ҷалилова.

АЗИ́З НЕСИ́Н (тахаллус, номи аслиаш Нусрат Маҳмуди Азиз; 19. 12. 1915, Истанбул – 6. 7. 1995, ҳамон ҷо), нависанда ва публитсисти турк. Дар 12-солагӣ аз падару модар махрум шуд ва дар дорушшифо (мактаби интернат)-и Истанбул ба камол расид. Ба донишкадаи ҳарбии Челенкой шомил гардид ва то с. 1944 дар хидмати ҳарбӣ буд. Баъд аз хидмати ҳарбӣ таҳсилашро дар Академияи санъати нафиса идома дод. Дар айёми таҳсил шеър менавишт; бо ҳидояти шоири маъруф Нозим Ҳикмат бо имзои падараш Азиз ба таълифи осори мансур оғоз намуд. А. Н. инчунин аз нависандаи машҳури турк Сабоҳиддин Алӣ ошкорбаёниву ҳақиқатнигорӣ омӯхтааст. Соли 1933 дар Туркия қонуне ба тасвиб расид, ки мутобиқи он бояд ҳар як турк номи хонаводагӣ (насаб) мегирифт ва Нусрати ҷавон насаби «Несин» гирифт, ки маъноаш «Ту чӣ?» «Чистӣ?» мебошад. А. Н.-ро метавон «адиби зиндонӣ» ном бурд. Вай барои ҳақгӯӣ, ҳачви нишонрас с-ҳои 1946, 1948, 1949, 1950, 1984 ба муддатҳои гуногун – 4 моҳ, 11 моҳ, 17 моҳ, 9 моҳ ва ғ. аз озодӣ махрум шудааст. Муҳаққиқони осораш А. Н.-ро соҳиби 40 китоб барои кӯдакон, 56 маҷмӯаи ҳикояҳо ва романҳо донистаанд. Худи нависанда беш аз 2 ҳаз. ҳикоя ва романи шашҷилдаи тарҷумаиҳолӣ навиштанашро таъкид намудааст. Асарҳои «Хари мурда» (1958), «Офарин» (1959), ҳикояҳои ҳаҷвии «Агар зан мебудам» (1961), «Биёед, дами беғам занем» (1966), маҷмӯаҳои шеърҳои «Азизнома» (1948), романи «Шоҳи футбол» (1978), «Намоишномаҳо» (1985) ба қалами А. Н. тааллуқ доранд. Ӯ муаллифи пйесаҳои «Як дақиқа назди ман оед», «Дар мамлакате» ва ғ. мебошад. Аксар осори А. Н. ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр шудаанд. Аз осори А. Н. ба забони тоҷикӣ маҷм. ҳикояҳои «Фонус» (1963, тарҷумаи А. Раҳимов), «Мактубҳо аз он дунё» (1978, тарҷумаи Ӯ. Кӯҳзод), романи «Шоҳи футбол» (1990, тарҷумаи Ҷ. Шарифов) ва ҳикояҳои бисёре дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо тарҷума ва чоп шудаанд. А. Н. ба Тоҷикистон ихлосу муҳаббати самимӣ дошт ва ҳамвора шеъру лафзи хуб ва меҳмоннавозии мардуми форсу тоҷикро ситоиш мекард. Ӯ с. 1978 ба Тоҷикистон омада дар ҷашни 100-солагии С. Айнӣ ширкат ва суханронӣ намуда буд. Дунё А. Н.-ро эътироф намудааст ва замоне Туркияро бо номи ӯ мешинохтанд. Дар Туркия ду маротиба нависандаи халқ интихоб гардид, медали тиллои Лантоссойро соҳиб шуд, узви фахрии пенклубҳои Англия ва Германия буд. Дар озмуни байналмилалии ҳаҷвнигорон, ки дар Италия баргузор гардид (с-ҳои 1956 ва 1957) ба дарёфти мукофоти асосӣ – «Шохи тиллоии нахл» мушарраф шуд; ҳамчунин мукофоти маҷ-ҳои «Хорпуштаки тиллоӣ» ва «Крокодил»-ро дар с-ҳои 1952, 1956, 1959 дарёфт намудааст.

Ад.: Шарифова Г., Услуби тарҷумаи «Ҳикояти худам», маҷ. «Илм ва ҳаёт», 2001, № 7 – 9; Шокирзода Ш., Азиз Несин – классики адабиёти турк, маҷ. «Адаб», 2009, № 4.

Ш. Шокирзода.

АЗИ́З РАҲИ́М (Раҳимов Азиз; тав. 9. 7. 1941, деҳаи Дектури ноҳ. Балҷувон – 13. 6. 2008, ҳамон ҷо), шоири тоҷик. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданӣ-маърифатии ҶТ (1958) ва Ин-ти маданияти ш. Москва (1962). Дар ноҳияҳои Колхозобод, Восеъ дар соҳаи фарҳанг – кинонамоишдиҳӣ кор кардааст. Сардори Раёсати кинопрокати Тоҷикистон (1995 – 2002). Аз с. 2002 мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ва ҳамзамон мудири кафедраи забони донишгоҳи мазкур буд. Муаллифи маҷмӯаҳои «Қатраҳо» (1988), «Моҳқоқу», «Кокули бом», «Ширмоҳи нав баромад» (ҳар се 1991), «Бахтнома» (1993), «Меҳрнома» (1996), «Расми вафо» (2005), «Нигоҳи меҳр» (2007), «Тақдирнома» (2008) мебошад. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1998.

АЗИЗБЕ́КОВА Майрам (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз фаъолони ҳаракати озодихоҳии занон дар Тоҷикистон. Иштирокчии Конференсияи якуми мусулмонзанон (Тошканд, 21 – 26 марти 1921) ва вакили Съезди якуми умумироссиягии занони Шарқ (Москва, 1921). А. аз тоҷикдухтаронест, ки с. 1921 дар ҷамъомади гурӯҳи занони фаъоли Туркистон дар ш. Москва иштирок доштааст. *Т. Иброҳимова.*

АЗИЗБО́ЕВ Саъдулло (1932, деҳаи Лакати ноҳ. Истаравшан – 1998, ҳамон ҷо), сароянда(тенори лирикӣ) ва режиссёри тоҷик. Ҳофизи халқии РСС Тоҷ. (1963). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи педагогии Ӯротеппа (1953). Фаъолияти ҳунариаш дар дастаи ҳаваскорони санъати омӯзишгоҳ оғоз ёфтааст. Муаллим ва роҳбари бадеии дастаи ҳаваскорони санъати мактаби миёнаи деҳаи Лакат (1955 – 59), роҳбари бадеии дастаи ҳаваскорон (1959 – 62) ва директори Хонаи маданияти ш. Ӯротеппа (1962 – 66), артисти Театри драмаи мусиқии ноҳ. Нов (1966 – 67) буд. Аз с. 1967 директори Хонаи маданият ва реж. Театри халқии Ӯротеппа. А. чун сарояндаи соҳибистеъдод бо сурудҳои фораму тароватнокаш дар инкишофи санъати мусиқии тоҷик ҳиссаи босазо дорад. Махсусан дар иҷрои сурудҳои классикӣ маҳорати калон зоҳир намудааст. Сурудҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Ушшоқи Содирхон», «Ирок», «Дугоҳ» ва ғ. аз беҳтарин оҳангҳои иҷрокардаи ӯянд А. инчунин дар саҳнаи Театри халқии Ӯротеппа зиёда аз 20 пйесаҳои хурду калон («Зафар»-и Р. Ҳайдаров, «Орзу»-и М. Назаров, «Супориши ЧК» ва «Дилшод»-и А. Сидқӣ, «Лаҳзаи ҷовид»-и М. Бахтӣ, «Сияҳсавор»-и Б. Раҳимзода, «Ҳаёти захрнок»-и Н. Ниёзӣ ва ғ.)-ро таҳия кардааст. Дорандаи ҷоизаҳои



фестивалҳои умумииттифоқии ҳаваскорони санъат (1975, 1977). Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЗИ́ЗИ АЗИ́З (Азизов Азиз Ибодуллоевич; тав. 12. 2. 1961, ноҳ. Ғончӣ), нависандаи тоҷик. Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Хуҷанд, (1982). Муҳаррири Комитети радио ва муовини сардабири ҳафтаномаи «Абрешимчии пешқадам»-и Комб. абрешими Ленинобод (1982 – 85), омӯзгор (1984 – 87). Аз с. 1987 корманди маҷ. «Чашма». Бо кӯшиши А. А. барои кӯдакон ва наврасон ҳафтаномаи «Гул-гул» ва маҷ-ҳои «Рангинкамон», «Ахтарон», «Олами ҷонварон», «Афсонаҳо» нашр мешаванд. А. А. барои бачаҳо ҳикояву афсонаҳо менависад. Тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва адлу инсоф, тасвири дунёи рангини атфол дар асарҳои А. А. «Афсона ва ҳикояҳо» (1989), «Ҳақиқат ва дурӯғ» (1998), «Хандонак» (1999), «Қиссаи пирамарди тоҷик ва саркардаи муғул» (2000), «Қарзи сарлашкар» (2002) моҳирона инъикос ёфтаанд. Афсонаҳои А. А. бо забонҳои русӣ, чехӣ, ӯзбекӣ, гурҷӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Дорандаи ҷоизаи Созмони ҷавонони Тоҷикистон (1995), Аълочии матбуоти Тоҷикистон (2000), узви ИЖ Тоҷикистон (1989) ва ИН Тоҷикистон (1995). *М. Нарзиқул.*

АЗИ́ЗИ БОДОМА́, деҳа дар ҷамоати шаҳраки Обигарми тобеи ш. Роғун. Аз деҳа то ш. Роғун 20 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 95 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, боғдорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АЗИ́ЗИ НАСАФӢ Ибни Муҳаммад (тақр. 1240, Насаф – тақр. 1300, Абркӯҳ, Эрон), файласуф, мутафаккири тасаввуф ва шоири форс-тоҷик. Айёми ҷавонии худро дар зодгоҳаш гузаронда, минбаъд барои таҳсили илм ба Бухоро рафтааст. Соли 1273 баъди аз тарафи элхониён харобу тороҷ гардидани Бухоро А. Н. аз Ому гузашта, чанд муддат дар Боҳиробод, дар мазори шайхи худ Саъдуддини Ҳамавӣ зиндагӣ кардааст. Сипас ба Исфаҳон, Шероз ва диг. вилоятҳо сафар карда, бақияи умри худро дар Абркӯҳ гузарондааст. Дар бораи А. Н. маъхазҳо, тазкираҳои «Риёз-ул-орифин», «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва ғ. маълумоти ночизе овардаанд. Бино ба маълумоти онҳо, А. Н. мероси бисёре аз худ боқӣ гузоштааст, ки муҳимтаринашон «Мақсад-ул-ақсо», «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Китоб инсонил-комил фӣ маърифат-ил-вофир», «Манозил-ус-соирин», «Мабдаъ ва маод» мебошанд. Ӯ тамоми рисолаҳояшро бо дархосту хоҳиши дӯстон ва дарвешон эҷод намудааст. Мавзӯи асосии эҷодиёти ӯро масъалаҳои асосии фалсафа (ҷавҳару, араз, моддаву сурат, ҳаракату сукун, маърифати ҳақиқат), тасаввуф (ишқ, фано, бақо, зикр) ва ғ. дар бар мегиранд. Дар боби ақоид ва таълимот А. Н. пайрави *Ибни Арабӣ* ба ҳисоб меравад. Таълимоти ваҳдати вуҷудро аз устодаш Саъдуддини Ҳамавӣ омӯхтааст. А. Н. маъниҳои мураккаби тасаввуфро возеҳу равшан баён карда, ба чиҳати ахлоқии он таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намудааст.

Ба фикри А. Н., шариат, тариқат ва ҳақиқат он аст, ки одам рафтору гуфтори нек ва ахлоқи пок дошта бошад. Солики роҳи ҳақиқат бояд соҳиби иродаи ҳақиқӣ бошад, чунки ирода маркаби солик аст. Силсилаи мавҷудотро А. Н. аз ақли кул, нафси кул, афлоку анҷум, табоеъ, аносири чаҳоргона ва саранҷом инсон медонад, ки соҳибақл аст; яъне дар аввал тамоми мавҷудот аз ақл пайдо мешаванд ва бо ақл анҷом мепазиранд. Инсон, ба ақидаи А. Н., олами сағир ва ҳар он чӣ ғайри инсон бошад, олами кабир аст. Он чӣ дар олами кабир ҳаст, дар олами сағир низ вуҷуд дорад. Ҷавҳари олами кабир ақли изофист. Рӯҳи изофӣ аз ҷое наомада ва ба ҷое намеравад. Ботини рӯҳи изофӣ муҳити олам аст. Ҳар гоҳ солик қалби худро аз гирифториҳои зулмонӣ пок намуда, сайқал диҳад, рӯҳи изофӣ ботини вайро равшан хоҳад кард. Мавҷудот аз нуру зулмат мураккаб буда, чун равғану шир омехтаанд. Барои он ки сифатҳои худро зоҳир гардонад, нур бояд аз зулмот ҷудо шавад. Дараҷаи баландтарини ҷудошавии нур аз зулмат дар инсони комил зоҳир мешавад ва танҳо ӯ ин ҷараёнро ба охир мерасонад. Дар натиҷаи ҷудошавии нур аз зулмат худшиносии нур оғоз шуда, худро ба воситаи инсони комил мешиносад. Ба ақидаи А. Н., рӯҳи наботӣ дар ҷигар, рӯҳи ҳайвонӣ дар дил ва рӯҳи нафсонӣ дар димоғи инсон ҷой доранд. Ҳар гоҳ сифати нур зоҳир гардад, рӯҳи нафсонӣ, ки дар димоғ аст, ботини одамро равшан мекунад ва шахс ашёро дониста мегирад. Мувофиқи ақидаи А. Н. дар инсону ҳайвонот се навъи рӯҳ – наботӣ, ҳайвонӣ ва нафсонӣ мавҷуд аст, вале инсон боз дорои рӯҳи инсонист, ки онро ӯ нафси изофӣ меномад. Умуман, инсон дар натиҷаи таҳзиби ахлоқ аз мартабаи ҳайвонӣ ва шайтонӣ гузашта, аз авсофи замима ва ахлоқи нописандида ороста мегардад. Танҳо дар ин сурат ба мартабаи инсонӣ мерасад. Ҷараёни бо рӯҳи изофӣ пайвастан ба қобилияту истеъдод алоқаманд аст. А. Н. моҳияти худшиносиро танҳо аз хӯрдану хобидану шаҳват иборат намедонад, чун ҳайвон низ чунин сифатҳоро дорад. Инсон, агар ба мардум ёрӣ расонад, кори хайрро пеша кунад ва талаби илму маърифат карда, хештанро бишиносад, ба мартабаи баланди инсони ҳақиқӣ мерасад. Мутафаккир зимни маърифати ашё мақоми ҳисси зоҳирӣ ва ботинӣ, махсусан ақлро баланд бардошта, зимни он ваҳйу илҳомро низ пазируфтааст.

Мувофиқи таълимоти А. Н. ҳарчи зери фалаки қамар ҷой дорад, бар як ҳол намемонад ва ҳар замон сурате мегирад ва ҳар соат нақше пайдо мекунад. Дар ин ҳолат баробари пайдо шудани сурати аввал сурати дигар падид меояд ва сурати аввал маҳв мегардад. Ин ҷараён мавҷи дарёро мемонад. Ба ибораи мутафаккир, тамоми мавҷудот шахсеро мемонад, ки инсони комил «дили он шахс» аст ва тамомияти ҳақиқату ҷавоҳири ашёро медонад. А. Н. дар бисёр асарҳояш, аз ҷумла дар «Мақсад-ул-ақсо», афкори ирфониашро бо шеър баён кардааст. Ин асарро Иброҳим Абдуллоҳ с. 1644 ба туркӣ тарҷума кард. Соли 1855 баъзе қисматҳои он ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Афкори тасаввуфии А. Н. барои инкишофи минбаъдаи таълимоти ирфонӣ нақши муҳим гузоштааст.

Ад.: Пять философских трактатов на тему «Афак ва анфус», М., 1970.

А. Муҳаммадхоҷаев.

АЗИЗӢ Баҳриддин (1895, Ӯротеппа – 1944, ҳамон ҷо), шоир, нависанда ва рӯзноманигори тоҷик. Падари А. шахси бомаърифат буда, бо тахал. «Ҳазмӣ» шеър низ гуфтааст. А. аввал дар назди падар савод бароварда, сипас дар мадрасаи Ӯротеппа ва аз с. 1916 дар мадрасаи Девонбегии Бухоро таҳсил намудааст. Дар Тошканд шӯъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи дусолаи муаллимиро хатм намуда, ба зодгоҳаш баргашт ва то с. 1920 вазифаи мудири Шӯъбаи маорифи халқи Ӯротеппаро ба ӯҳда дошт. А. яке аз муборизони фаъоли инқилоби маданӣ буд. Ӯ чанде дар Комитроияи Ӯротеппа ва Суди олии ҷумҳурӣ дар


Азизӣ Баҳриддин.


Азизӣ Фароғат.

вазифаҳои гуногун хидмат кардааст. Нахустин шеърҳои А. ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бо тахал. «Азмӣ» ба табъ расидаанд. Шеърҳои ӯзбекии то с-ҳои 20 эҷодкардаи ӯ дар маҷм. «Янги шукуфа ё худ Милий адабиёт» (Тошканд, 1917) чоп шудаанд. Солҳои 20 а. 20 А. бо имзоҳои мустаори «Тарсончак», «Тарсакӣ», «Шаккок», «Афандӣ» шеърҳои ҳачвӣ ва мақолаҳои публитсистии бисёре чоп намудааст. Ӯ урфу одатҳои зараранок, ҳурофотпарастӣ, афроди ба ҷамъият бегона, хулоса ҳар он чизеро, ки ба пешрафти ҳаёти нав монеъ мешуд, фош ва танқид кардааст. Ба ин маънӣ ҳикояҳои «Як қубба кӯкнорӣ», «Қурбонӣ», «Аз масҷид ба клуб» ва ғ-ҳо ҷолибанд. Дар ҳикояҳои «Зани директор», «Ғуломи хӯҷаин ё Ғуломи бодинҷон», «Бори зарурӣ» шахсони хушомадгӯй, худхоҳ мазаммат шудаанд. А. чун нависанда, махсусан с-ҳои 30 а. 20 шӯҳрат ёфт. Аксар офаридаҳояш дар маҷ. ҳаҷвии «Мушфиқӣ» дарҷ гардиданд, ки дар онҳо мавзӯъҳои давраи пешини эҷодиёти нависанда ба савияи сифатан нави бадеӣ инъикос ёфтааст. Мероси адабии А. дар маҷмӯаҳои «Зарбдор» (1932), «Ғалаба» (1932), «Ҳасани якдаста» (1936), «Қурбонӣ» (1937), «Ҳикояҳо» (1962) фароҳам омадааст.

Н. Салимов.

АЗИЗӢ Фароғат Абдуқаххорзода (тав. 28. 2. 1957, ноҳ. Шаҳритуз), мусиқишинос, доктори илми санъатшиносӣ (2010). Хатмкардаи мактаби интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ш. Душанбе (1975) ва Консерваторияи давлатии Тошканд ба номи М. Ашрафӣ (1981). Солҳои 1981 – 87 муаллим, муаллими калон, мудири кафедраи мусиқии Шарқ, 1991 – 97 мудири кафедраи таърих ва назарияи мусиқии ДДСТ ба номи М. Турсунзода, 1998 – 2003 ходими калони илмии Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ, 2003 – 06 ноиби ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон. Аз с. 2006 муовини Вазири фарҳанги ҶТ. Доманаи тадқиқоти илмии А. фарох буда, омӯзиши таърих ва назарияи Шашмақом, Фалак, асосҳои назарияи мусиқии суннатӣ, мусиқии композитории тоҷик, таълимоти мусиқӣ, системаи устод-шогирд, робитаҳои мусиқии мардуми тоҷику ҳинд, рисолаҳои мусиқӣ ва ғ-ро фаро мегирад. А. ба илм системаи лаҳнии мусиқии кӯҳистони тоҷик – *чормуқом* (чормодарон)-ро ворид намуда, радабандии нави шохаҳои жанри фалаки тоҷикӣ, аз ҷумла дарёфт ва тадқиқи фалаки касбӣ ва ба системаи мақом тааллуқ доштани онро муайян намудааст. Бойгонии Фазлиддин Шаҳобовро тайи солҳои дароз омӯхта, сарчашмаи нодир «Рисолаи Шашмақом» ва тамоми осори илмии ӯро баъди 35– 40 соли вафоти муаллиф рӯи чоп овардааст. Беш аз 90 асару мақолаҳои илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ нашр намудааст. Муаллифи дастурҳои таълимии «Асосҳои назарияи мусиқӣ» (қисми I, 2001), «Оҳанги кӯҳистони тоҷик» (ҷ-ҳои 1 – 2: 2004 – 2005), барномаҳои таълимии «Асосҳои мақом» (2008). «Солфеҷиои этнографӣ» (2008), лоиҳаҳои «Шашмақом – шоҳкории мусиқии тоҷик» (ЮНЕСКО, 2005 – 07), «Дарсҳои маҳоратии Фалак дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон» (2005), «Операҳои тоҷик: нашри клавирҳо» (2009), «Бойгонии Фонди фолклори ба номи Р. Амонов: тармими техникӣ ва фарҳангӣ» (2006 – 2008) ва ғ., инчунин лоиҳаҳои давлатии «Фестивали наътхонӣ» (2009), «Фалак – суннатҳои иҷрокунандагӣ» (2006), «Фалак: масъалаҳои таърихӣ ва назариявӣ» (2009) ва яке аз мураттибони барномаҳои давлатии фарҳангӣ оид ба тайёрии кадрҳо (2006), рушди фарҳанг (2007), рушди ҳунарҳои бадеӣ (2008), рушди мусиқии касбӣ (2010) мебошад. Таҳти роҳбарии А. дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ зиёда аз 20 экспедитсияи этнографӣ сурат гирифтаанд. Дар ШМА ва Ҳиндустон тахассусашро такмил додааст. Бо маърӯзаҳои илмӣ дар форумҳои Шотландия, Венгрия, ШМА, Ҳиндустон, Эрон, Франсия, Голландия, Белгия, Ҷумҳурии Корея мусиқии тоҷикро муаррифӣ намуд. А. яке аз муаллифони «Донишномаи Шашмақом» (2009) аст. Доктор ва лауреати Академияи илмии байналмилалии Antique World (Афина, 2008). Лауреати Ҷоизаи ЭКО (2010). Бо ордени Шараф (дараҷаи 2) сарфароз гардидааст.

Ос.: Шашмақом и рага. Краткий компаративистский анализ, Д., 1999; Мақом и фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков, Д., 2009.

Н. Шарифов.

АЗИЗӢ Юсуф (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, донишманд, адиби форс-тоҷик (а. 15). Дар ш. Ҳирот зиндагӣ ва эҷод кардааст. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо девони ашъор ва рисолаҳои илмӣ доштааст. Аз ӯ рисолае бо номи «Арӯзи Юсуфӣ» мондааст, ки як нусхааш дар Шӯъбаи санкт-петербургии Ин-ти шарқшиносии АИ Россия маҳфуз аст. А. дар таълифи ин рисола ба осори гузаштагон оид ба арӯз танқидан нигариста, кӯшидааст рисолаи содаву оммафаҳм таълиф намояд. Намунаҳо аз осораш – ғазалҳову қитъаҳо, абёти пароканда дар баёзу тазкираҳо омадаанд.

А. Афсаҳзод.

АЗИЗҚӮЛОВ Ҷумъабой (тав. 10. 6. 1934, деҳаи Панҷрӯди ноҳ. Панҷакент), адабиётшинос ва тарҷумони тоҷик. Коркуни хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷ. (1988). УДТ-ро хатм кардааст (1958). Ходими илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ ҶТ (1958 – 1969), муҳаррири калони илмӣ (1969 – 70), мудири редаксияи адабиёт ва забон (1970 – 80), котиби масъул ва ҷонишини сармуҳаррир (1980 – 88) ва сармуҳаррири ЭСТ (1988 – 96). Солҳои 1996 – 2006 котиби илмии Шӯрои олимони Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон буд. Нахустин мақолаҳои адабиву танқидӣ ва тақризҳои А. ох. с-ҳои 50 – ибт. 60 ба миён омадаанд: мақолаву рисолаҳо оид ба Анварӣ, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, М. Ф. Охундов, Н. В. Гоголь, А. П. Чехов, А. М. Горкий, С. Айнӣ, А. Ҳамдӣ (маҷмӯаи ашъорашро низ мураттаб кардааст) ва диг. Яке аз корҳои муҳимми анҷомдодаи А. «Феҳристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» (ҳамроҳи З. Муллоҷонова, Д., 1963) мебошад. Баъдан А. ба тадқиқу баррасии насри классикии форс-тоҷик пардохт. Ҳиссаи ӯ дар омӯзиши «Синбоднома»-и Заҳирӣ зиёд аст; ӯ бо номҳои «Пандномаи Синдбод» (1963) ва «Китоби Ҳаким Синбод» (1971, 2009) таълифоте дорад, ки дар адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷик ба сифати версия ва адаптатсияи матни адабиёти ниёгон шинохта шудааст. Матни дигари таҳиякардаи А. «Гулзори ҳикмат» (маҷмӯаи ҳикоятҳои ахлоқӣ аз китобҳои гуногун, Д., 1966) низ дорои ҳамин гуна афзалиятҳост. А. муҳаррири ҷ. 1 китоби «Самаки айёр» (Д., 1967), тайёркунандаи матни ҷ. 2 ин асар (Д., 1970) «Саргузашти Ҳотам» (ҳамроҳи С. Давронов, Д., 1967) ва ғ. мебошад.


Азизқулов Ҷумабой


Азизқулова Онаҷон.

Зери унвони «Асл ва пайдоиши китоби Синдбод» пажӯҳише анҷом додааст (1974), ки дар он ақидаи дар адабиётшиносии Эрон ва ховаршиносии ҷаҳонӣ шӯҳратёфтаи ҳиндиасл будани ин китобро рад карда, дар баромади эронии достон як идда далелҳои илмию таърихӣ ва ақлию мантиқӣ пешниҳод кардааст. Фаъолияти тарҷумонии А. баробари фаъолияти адабиётшиносии ӯ оғоз ёфтааст (тахал. тарҷумониаш «А. Ҷумъабой»). Вай ҳикоятҳои бисёреро аз адибони халқҳои СССР ва хориҷа ба тоҷикӣ гардондааст. Ба қалами ӯ инчунин тарҷумаи осори калонҳаҷми нависандагони ҷаҳон тааллуқ доранд (А. Олимҷонов «Армуғони Утрор», 1973; романи «Пайкони Маҳамбет», 1984; повести С. Карнеев «Осмон беғубор буд», 1975; маҷм. ҳикояҳои В. Шукшин «Сӯҳбати моҳтобшаб», 1981; роман ва повестҳои Т. Ҷумагелдиев «Фирор», «Чароғ то саҳар фурӯзон буд», «Қолин», «Якрав», 1991; повести Т. Пӯлодов «Маро аз ҷангал ҷӯед», 1981; романҳои А. Дюма «Се мушкетдор», 1984; «Граф Монте-Кристо», 1985 – 2010; О. Гончар «Одам ва ярок», 1985; Й. Авижус «Бехонумон», 1987; С. Нерсесян «Рустам ва Дилоро», 1988; Я. Гашек «Саргузашти сарбози чолок Швейк», 2009 ва ғ.). Дар тарҷумаи А. истеъдод ва завқи салими бадеии ӯ зоҳир гаштааст. Баъди ба нафақа баромадан (1996) А. ба навиштани мақолаҳо доир ба забон ва сабки таълиф («Забон ва тарзи баён», 2004, «Ҳусни баён», 2006) ва таълифоти ёддоштӣ («Ёде аз И. Брагинский», 2008; «Дар сӯҳбати Ҳ. Ирфон», 2010; «Шиносоӣ бо Ҷ. Одина», 2010; «Некном», роҷеъ ба А. Деҳотӣ 2011) ва ғ. машғул аст. Инчунин яке аз муҳаррирони матни тоҷикии китоби 6-ҷилдаи «Саҳеҳ-ал-Бухорӣ» мебошад. А. узви Раёсати Кумитаи истилоҳоти АИ ҶТ (аз с. 1990 то мавҷудияти ин кумита) буд. Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва нишони «Аълочии матбуоти СССР» сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1990. *М. Диловаров.*

АЗИЗҚӮЛОВА Онаҷон (тав. 24. 12. 1941, деҳаи Урметани ноҳ. Айнӣ), химик, доктори илми химия (2000), проф. (2002). Хатмкардаи УДТ (1965). Лаборанти калон (1965 – 67), ассистенти кафедраи химияи ғайриорганикӣ (1967 – 68), ассистент ва муаллими калон (1968 – 87), дотсент (1987 – 98), мудири кафедраи химияи ғайриорганикии ДМТ (аз с. 2003). Муаллифи зиёда аз 150 таълифот, аз ҷумла дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ мебошад. Зери роҳбарии ӯ 2 нафар рисолаи номзадии илмро ҳимоя кардаанд. Слансҳои сӯзандаи омӯхтаи А. барои истеҳсоли як қатор металлҳои нодир ашёи муҳим маҳсуб мешаванд.

Ос.: Лабораторные работы по неорганической химии, Д., 1988; Методические разработки к практикуму по неорганической химии, Д., 1988. Корҳои амалӣ аз химияи ғайриузвӣ, Д., 2002; Намунаи мисолҳо, масъалаҳо ва машқҳо аз химияи ғайриузвӣ барои санҷиши тестии донишҷӯёни курси якуми факултаи химия, Д., 2003; Лабораторный практикум по курсу «Теория гидрометаллургических процессов», Д., 2006.

АЗИ́ЗОВ Абдуқаюм (1902, деҳаи Қӯрғончаи ноҳ. Конибодом – 1962, деҳаи Работи ҳамин ноҳия), боғбон, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1953). Фаъолияти меҳнатиашро аз батракӣ (1916) оғоз карда, минбаъд коргари стансияи роҳи оҳани Мелникови Конибодом (1922 – 30), коргар (1931 – 35), сардори звенои хоҷагии боғу токпарварии «Шаҳринав» (1936 – 40), иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 43), сардори звено (1944 – 52), сардори бригадаи токпарварии к-зи «Шаҳринав»-и ноҳ. Ҳисор (1953 – 59) ва к-зи «Работ»-и ноҳ. Конибодом (1959 – 62) буд. Бригадаи А. дар боғдорӣ муваффақ шудааст. Бо ду ордени Ленин, орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони фахрӣ», медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЗИ́ЗОВ Абулвайс (тав. 8. 3. 1939, деҳаи Яхсуи Даҳанакии Болои Кулоб), нависандаи тоҷик. Хатмкардаи УДТ (1963). Муҳаррири нашриёти «Ирфон» (1963, 1973 – 87). Омӯзгори мактаби миёна (1963 – 68), корманди г. «Комсомоли Тоҷикистон» (1968 – 73), муҳаррири нашриёти «Адиб» (1987 – 94). Аз с. 1994 нафақагир, машғули кори эҷодист. Нахустин ҳикояву очеркҳояш миёнаи с-ҳои 60 а. 20 ба табъ расидаанд (ҳикояи нахустинаш дар бораи С. Амиршоев с. 1968 чоп шуд). Маҷмӯаи нахустинаш «Сарбоз» (1984) қиссаҳо (киноповестҳо)-и «Абдукарим», «Ҳаким», «Ғӯл»-ро дар бар мегирад. Дар маҷм. дуюмаш


Азизов Абулвайс.


Азизов Азим.

«Рӯҳи замин» (1989) қиссаҳои «Модар», «Ятимони сарбоз» ҷой гирифтаанд. А. рисолаҳои хурди пандомӯзангораҳо менависад, ки чанде аз онҳо дар маҷм-ҳои «Офтоби Сарҷӯ» (1991), «Дили Сарҷӯ» (1993), «Бако» (2000), «Муаммои мавҷудот» (2006) фароҳам омадаанд. А. дар бораи Абурайҳони Берунӣ, Убайди Зоконӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Рӯдакӣ, Имоми Аъзам, «Тӯҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ, «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ ва ғ. рисолаҳои хурди таърихиву бадеӣ, шарҳиҳолӣ, таълимӣ иншо намудааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1989.

АЗИ́ЗОВ Азим (20. 11. 1953, Хуҷанд – 26. 08. 2010, Душанбе), духтури кӯдакон, доктори илмҳои тиб (2000), проф. (2002). Хатмкардаи факти педиатрии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино (1977). Духтури кӯдакон (1977 – 83), ординатори кафедраи бемориҳои кӯдакони ИДТТ (1983 – 85), аспиранти Ин-ти тиббии ш. Ростови Федератсияи Россия (1985 – 88), ассистент, дотсент (1988 – 97), мудири кафедраи таълими бемориҳои кӯдакони ДДТТ (аз 1997). Оид ба масоили нефрологияи кӯдакон як силсила тадқиқот анҷом додааст. Муаллифи зиёда аз 100 асару мақолаҳои илмӣ, 8 тавсияи методӣ ва пешниҳоди навоварона аст. Мақолаҳояш дар хориҷи кишвар ба табъ расидаанд. Таҳти роҳбарии ӯ кафедра ба масъалаи омӯзиши пулмонологияи кӯдакон машғул мебошад.

Ос.: Тавсиянома оид ба нигоҳубини беморон, Д., 2006; Оценки качество жизни детей с пиелонефритом и гломерулонефритом, Д., 2004; Особенности течения заболевания мочевыделительной системы у детей, маҷ. «Педиатрия», 2008; Клинико-иммунологической особенности тяжелых пневмонии у детей раннего возраста, маҷ. «Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон», 2008.

АЗИ́ЗОВ Анвар Маҳмадалиевич (тав. 1982, ш. Душанбе), варзишгар (оид ба таэквон-до), дорандаи камарбанди сиёҳ. Устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон (2004), Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ (2004). Хатмкардаи Донишгоҳи Ис-


Азизов Анвар.


Азизов Аъзам.




Азизов Бозоралӣ.


Азизов Домулло.

танбул (Туркия 2000). Дорандаи медалҳои биринҷии чемпионатҳои ҷаҳон байни наврасон дар Полша (1995), Москва (1997), Ҳиндустон (1998) ва чемпионатҳои ҷаҳон дар Буэнос-Айрес (1999) ва Италия (2001), ду карат чемпиони ҷаҳон (Италия, 2001; Юнон. 2003).

АЗИ́ЗОВ Аъзам (тав. 1. 5. 1936, деҳаи Кавраки ноҳ. Рашт), духтури кӯдакон, доктори илмҳои тиб (1997), проф. (1997), акад. Академияи инженерии ҶТ (аз 2005), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2001). Хатмкардаи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино (1960). Ҷарроҳ ва сардухтури Беморхонаи марказии ноҳ. Ҷилликӯл (1960 – 64), духтури БКҶ №3 (1964 – 76), мушовири Академияи ҳарбии СССР дар Ҷумҳурии Афғонистон (1976 – 79), ассистент ва дотсенти кафедраи ҷарроҳии кӯдакон ва бемориҳои ҷарроҳиталаби ИДТТ (1979 – 83), мушовир-урологи госпитали Габриэл – Турси Ҷумҳурии Мали (ш. Бамако, 1983 – 85), дотсент (1985 – 97) ва мудири кафедраи ҷарроҳӣ, анестезиология ва реаниматологияи кӯдакони ИДТТ (1997 – 2010). Аз сент. 2010 проф. ҳамин кафедра. Тадқиқоти А. ба масоили ҷарроҳии қатъӣ ва таҷдидии иллатҳои инкишофёбандаи шошароҳа ва узвҳои таносул бахшида шудаанд. 330 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 10 монография, 20 дастури таълимию методӣ ва тавсияи методӣ, 22 ихтироот, 70 пешниҳоди навоварона дорад. Таҳти роҳбарии ӯ 1 нафар рисолаи докторӣ ва 8 нафар рисолаҳои номзадии илмро дифоъ намудаанд. Узви раёсати уролоғҳои Россия. Бо Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., Сафорати СССР дар Афғонистон (1979), Ҳукумати Афғонистон (1978) ва Ҷумҳурии Мали қадр карда шудааст.

Ос.: Урологияи кӯдакон, Д., 1999; Ҷарроҳии батнии кӯдакон, Д., 2001; Луғати истилоҳоти ҷарроҳӣ, Д., 2008. Детская урология, Д., 2000; Абдоминальная хирургия детского возраста, Д., 2005.

АЗИ́ЗОВ Бобоҷон (тав. 26. 6. 1950, Кӯлоб), сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1996). Хатмкардаи фак-ти забон ва адабиёти тоҷики Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб (1971). Дар хизмати ҳарбӣ (1972 – 74). Корманди Хонаи маданияти ш. Кӯлоб (1974 – 76), сарояндаи Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ш. Кӯлоб ба номи С. Вализода (1976 – 89). Аз с. 1989 роҳбари бадеии ансамбли «Навои Хатлон». Дар эҷоди суруду оҳангҳо сабки хоса дорад. Сурудҳои «Дилҳо нишона карда», «Ёди Ватан», «Ҳарфи дигар мазан» , «Нолаи Кова», «Хорӣ макун», «Модар», «Ту ширинлаб» ва ғ., ки А. сурудааст, хеле дилнишинанд. А. маҳорати хуби актёрӣ низ дорад; дар як зумра намоишҳо нақшҳои асосиро бозидааст: Муҳаммадалии Ашқар («Карим Девона»-и Т. Аҳмадхонов), Фарҳод («Хусрав ва Ширин»-и М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ) ва ғ. Дорандаи ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии ҳофизони ҷавон (1979), иштирокчии Фестивали умумииттифоқии театрҳои халқӣ дар ш. Москва (1969), Фестивали умумиҷаҳонии театрҳои халқӣ дар ш. Кишинёв (1970) ва Ярмаркаи умумиҷаҳонии Лейпсиг (РДГ, 1983). Бо ордени Дӯстӣ (1998) ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЗИ́ЗОВ Бозоралӣ Сатторович (тав. 9. 6. 1946, ш. Кӯлоб), технолог, доктори илмҳои техникӣ (2003), проф. (2004), дорандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (2001). Хатмкардаи Ин-ти технологии ш. Ленинград (1969). Аспиранти ҳамин институт (1969 – 72), лаборанти калон, ходими хурди илмии Ин-ти химияи АИ РСС Тоҷ. ба номи В.И. Никитин (1972 – 73); муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи химияи Ин-ти политехникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ (1973 – 92); сардори шӯъбаи Вазорати саноати ҶТ (1992), муовини сардори шӯъбаи Идораи корҳои Шӯрои Вазирони ҶТ (1993); муовини сардори шӯъба, сардори шӯъбаи техникӣ, сардори хадамоти тайёр намудани кадрҳои з-ди алюминийи Тоҷикистон (1994 – 2000); ноиби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (2000 – 09), проф. кафедраи химияи ҳамин донишгоҳ (2009 – 10). Аз февр. 2010 муовини директори Ин-ти тадқиқоти илмии металлургияи Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи тоҷик». А. оид ба коркарди партовҳои истеҳсоли алюминий зиёда аз 150 асару мақолаҳои илмӣ, илмӣ-методӣ нашр кардааст, муаллифи 7 патент ба ихтироот ва 2 шаҳодатномаи маҳсулоти зеҳнӣ.

Ос.: Утилизация отходов производства алюминия, Д., 2000; Комплексная переработка отходов производства алюминия, Д., 2005; Курси мухтасари химияи ғайриорганикӣ, Д., 2008.

Ё. Назармамадов.

АЗИ́ЗОВ Домулло (1913, деҳаи Қистакӯзи уезди Хуҷанд – 1943, деҳаи Острови вил. Гомел), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1943), сержанти хурд. Соли 1934 дар зодгоҳаш котиби ташкилоти комсомолии к-зи «Якуми Май» буд. Соли 1935 дар ш. Хуҷанд рабфакро хатм намуда, аз 1 сент. 1936 дар мактаби деҳаи Қистакӯз муаллим буд. Соли 1942 аз Комиссариати ҳарбии ноҳ. Чкаловски вил. Ленинобод ба сафи Армияи Сурх даъват шуда, дар полки 120-уми тирандозии дивизияи 69-уми пиёдагарди Армияи 65-уми Ҷабҳаи Белоруссия ва аз с. 1943 дар ҷабҳаҳои Ғарбӣ ва Марказӣ ба сифати командири расчёти пулемётчиён зидди фашистон ҷангидааст. 15 окт. 1943 ҳангоми убури д. Днепр дар ноҳ. Лоеви вил. Гомели Ҷумҳурии Белоруссия аввалин шуда аз дарё гузашт ва бо норинҷаки дастӣ пулемётчиёни душманро аз байн бурда, гурӯҳи гитлерчиёнро нобуд кард. Расчёти А. дар камингоҳ истода, се ҳуҷуми душманро зада гардонд ва пешравии қисмҳои дигари ҳарбии шӯравиро таъмин намуд. Барои абадӣ гардондани хотираи А. дар зодгоҳаш ноҳ. Хуҷанди вил. Суғд ҷамоати деҳот, мактаби миёна, колхоз ба номи вай монда, дар маркази колхоз нимпайкараи қаҳрамон гузошта шудааст. Соли 1974 дар он мактаб ба хотираи А. музейи «Шарафи ҷангӣ» таъсис ёфт.

Ад.: Бозорбоева М., Кенҷаева М., Муаллимони қаҳрамон, Д., 1982; Днепр - река героев. Свидетельства всенародного подвига, Киев, 1983; Сафаров Р., Ҳазору як корнома, ҷ. 1, Д, 1995.

Б. Аҳмадов.

АЗИ́ЗОВ Қаюм (5. 1. 1924, деҳаи Маҳрами ноҳ. Конибодом – 8. 1. 2000, Душанбе), генерал-майори адлия


Азизов Қаюм.


Азизов Музаффар.

(1967), Ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1972). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи омӯзгории Конибодом (1941) ва фак-ти ҳуқуқшиносии УДТ (1961). Солҳои 1941 – 42 муаллими мактаб дар Конибодом, 1943 – 44 котиби суди халқӣ, ёвари прокурори ноҳ-ҳои Данғара ва Шӯрообод, 1944 – 47 муфаттиши прокуратураи ноҳ-ҳои Кӯлоб ва Мӯъминобод, 1948 – 49 муфаттиши прокуратураи ноҳ. Қизилмазор, 1949 – 53 прокурори ноҳ. Колхозобод, 1953 – 61 прокурори ш. Кӯлоб, 1961 – 69 прокурори ВМКБ, 1969 – 73 прокурори ш. Душанбе, 1973 – 79 прокурори ноҳ. Турсунзода буд. Бо медали «Барои меҳнати шоён», Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЗИ́ЗОВ Музаффар (тав. 25. 8. 1950, деҳаи Сорчи ноҳ. Шуғнон), математик, доктори илмҳои физика ва математика (2009), проф. (2010). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии ш. Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (1973). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1973 – 74). Ассистенти кафедраи таҳлили математикии Ин-ти давлатии педагогии ш. Душанбе (1975 – 80), аспиранти Ин-ти математикаи АИ Украина (1981 – 84), ассистент, муаллим, дотсенти кафедраи таҳлили математикии Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1985 – 93), докторанти Ин-ти математикаи АИ Украина (1994 – 97). Аз с. 1998 мудири кафедраи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тадқиқоти А. ба наздиккунии ҳалли баъзе намуди масъалаҳо барои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ бо ёрии бисёраъзогиҳо марбут аст. Зиёда аз 70 таълифоти илмӣ дорад. Қисми мақолаҳои илмиаш дар маҷаллаҳои тахассусии Россия ва Украина нашр шудаанд. Иштирокдори конференсияҳои илмии байналмилалии математикҳо дар мамлакатҳои гуногун.

Ос.: Информационная сложность приближенного решения интегральных уравнений II рода, Д., 2009; Математикаи олӣ, Д., 2010.

Ё. Назармамадов.

АЗИ́ЗОВ Сайхӯҷа (тав. 15. 12. 1933, деҳаи Чинораки ноҳ. Мӯъминобод), математик, номзади илмҳои физика ва математика (1982), проф. (1993), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (1956). Солҳои 1956 – 57 муаллими мактаби миёна дар ноҳ. Ленин (ҳоз. Рӯдакӣ), омӯзгори кафедраи математикаи олии Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб (1958 – 65), аспиранти Ин-ти давлатии педагогии ш. Калинин (Россия, 1965 – 68), мудири кафедра, ҷонишини декан, декани фак-ти математика, муовини ректор оид ба корҳои илмию таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (1968 – 2000). Аз с. 2000 проф. ҳамин донишгоҳ. А. оид ба проблема ва назарияҳои математика, тавзеҳи функсияҳои ратсионалӣ ва ирратсионалӣ, таълими элементҳои математикаи олӣ ва ададҳои комплексӣ дар мактаб ва ғ. беш аз 50 таълифоти илмӣ дорад. Иштирокчии конференсияҳои илмии байналмилалии математикҳо дар мамлакатҳои гуногун.

Ос.: Таълими ададҳои комплексӣ, Д., 1985; Таълими элементҳои математикаи олӣ дар мактаб, Кӯлоб, 1987.

АЗИЗОВ Фаттоҳ Ҳалимович (тав. 1. 5. 1949, деҳаи Шайхбурҳони ноҳ. Бобоҷон Ғафуров), иқтисоддон, доктори илмҳои иқтисодӣ (1996), проф. (1997). Аълочии маорифи ҶТ (2005). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1971). Солҳои 1971 – 73 таҷрибаомӯзи Ин-ти иқтисодиёти АИ РСС Тоҷ., 1973 – 77 муҳаққиқи коромӯз ва аспиранти Ин-ти марказии иқтисодиёту математикаи АИ СССР, 1977 – 78 ходими хурди илмии Ин-ти иқтисодиёти АИ РСС Тоҷ., 1978 – 1997 муаллими калон, дотсент, проф. кафедраи «Назарияи иқтисодиёт»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров. Аз. с. 1980 ҳамзамон директори Корхонаи илмӣ-истеҳсолии ҷумҳуриявии «Шамъ»-и Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати ҶТ. Оид ба таҳлили бонизоми идораи истеҳсолоти саноатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, консепсияи таҳия ва такмили идораи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷанбаҳои минтақавии сиёсати хазинадорӣ ва диг. масъалаҳои иқтисодӣ беш аз 100 таълифот, аз он



ҷумла 38 китоб, 8 рисола ва зиёда аз 60 мақолаи илмӣ ба табъ расондааст. Асарҳояш дар Россия, Хитой, Чехия, Словакия нашр шудаанд. Проф. фахрии Пажӯҳишгоҳи иқтисодии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Чехия (1994), проф. фахрии Донишкадаи забонҳои хориҷии Нинсяи ҶХХ (1998) мебошад. Иштирокдори конференсияҳои байналмилалист.

Ос.: Проблемы комплексной автоматизации управления агропромышленным производством региона, Прага, 1990; Словарь-справочник терминов рыночной экономики, М., 1992; Поддержка управленческих решений, М., 1994; Словарь-справочник финансово-экономических терминов рыночной экономики, ҶХХ, 1997; Методология принятия управленческих решений в условиях рыночной экономики, Х., 2000; Региональные аспекты фискальной политики, М., 2004; Бюджетно-налоговый терминологический словарь (с англ. эквивалентами), Екатеринбург, 2006; Курси назарияи иқтисод, иборат аз 3 қисм, Х., 2009; Танзими муносибатҳои иқтисодии гумрукӣ, Х. 2009.

Ш. Тошева.

АЗИ́ЗОВ ШОДӢ, маъруф ба Усто Шодӣ (1878, деҳаи Муғулони тумани Ғиждувони вил. Бухоро – 1943, Бухоро), ҳофиз, навозанда, раққос, устоди санъати касбии тоҷиктабори Ӯзбекистон, Ҳофизи халқии Ӯзбекистон (1940). Санъати сарояндагиро аз ҳофизони касбии Бухоро Ота Ҷалол, Тиллобой, Ота Гиёс, Мирзо Ҳидоят, Мулло Ҳофизи Восеъ, Қорӣ Убайдуллоҳ ва Қорӣ Каромати Дилкаши Танбӯрӣ омӯхтааст. Таҳти роҳбарии Ота Ҷалол нозукиҳои «Шашмақом»-ро аз худ кардааст. Солҳои 30 а. 20 дар дастаҳои ҳунарии театрии мардумии ноҳ. Ғиждувон ба сифати сароянда ва раққос хидмат намудааст. Аз сарояндагони барҷастаи «Шашмақом» ба шумор меравад. Дар ичрои А. порчаҳо аз мақоми «Бузург», «Сарахбор», «Тарона», «Уфари уззол», «Талқинчаи сегоҳ» ва диг. сурудҳои халқии тоҷикӣ сабт шудаанд, ки дар Донишкадаи санъатшиносии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

Ад.: Таджикская музыка, Д., 2003; Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Раҷабов.

АЗИ́ЗОВ ЮНУС (1860–1924), устои меъмор ва гачкор. Шогирди меъмор Боқиев. Аввал дар сохтмони масҷид, мадраса ва ҳаммомҳо иштирок кардааст. Сипас дар сохтмони мадрасаи Абдураҳимбой (Каттақӯрғон, 1903), мадрасаи Ҷиззах, мадрасаи Хоҷаюсуф дар Самарқанд ва ғ. роҳбарӣ намуд. Сирри санъати гачкориро мукаммал омӯхтааст. Солҳои 1921 – 24 дар тармими Мадрасаи Тиллокорӣ ва Манораи калон иштирок доштааст.

АЗИ́ЗОВА Лола Мақсудовна (тав. 23. 2. 1963, деҳаи Зарафшони ноҳ. Ҷаббор Расулов), сарояндаи тоҷик

(сопранои лирикӣ), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2009). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи мусиқии ба номи Содирхон Ҳофизи ш. Хуҷанд (1982) ва фак-ти мусиқии тоҷик – мусиқии суннатии ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1987). Сарояндаи Ансамбли дуторчидухтарони Комитети телевизион ва радио (1982 – 87), Ансамбли давлатии «Шашмақом» (1987 – 89). Аз с. 1989 сарояндаи ансамбли «Дарё». А. санъати сарояндагиро дар ДДСТ аз Артисти халқии РСС Тоҷ. Барно Исҳоқова омӯхта, минбаъд назди дигар донандагони мусиқӣ маҳорати сарояндагиашро такмил додааст. Овози зарифу гӯшнавоз дорад. Дар интихоби матни сурудҳо дақиқназар аст. А. бахш ва гӯшаҳои овозии «Шашмақом» («Соқиномаи Савти Калон», «Чоргоҳ», «Нимчӯпонӣ» ва ғ.)-ро бо лаҳни муассир ичро кардааст. Сурудҳои оҳангсозони касбӣ (зиёда аз 60-то) А. Одинаев, Ҷ. Обидов, С. Билолов ва диг., таронаҳои халқиро бо маҳорати хос месарояд. Сурудҳои «Рози дил», «Афсонаи ишқ», «Нилуфар», «Тоҷикистон», «Эй ишқи аввал», «Рубоиҳои саргаҳи Зарафшон», «Алла», «Кай меоӣ», «Наврӯз», «Шаби борон», «Аспи саманд», «Ганҷи дил»-ро хеле дилнишин сароидааст. А. иштирокчии чандин ҷашнвораҳои ҳунарӣ, рӯзҳои фарҳанги тоҷик дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқу Ғарб буда, дар рушду тарғиби санъати тоҷикон саҳми хоса гузоштааст.

Ад.: Таджикская музыка, Д., 2004; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *Н. Шарипов.*

АЗИ́ЗОВА Саодатхон Абдуқаххоровна (тав. 30. 8. 1951, ш. Панҷакент), актрисаи театр ва кинои тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2006). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1973). Дар Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ (1973 – 77), Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб (1977 – 81), Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов (1981 – 90), Театри давлатии таҷрибавии тамошобини ҷавони «Аҳорун» (1990 – 98) кор кардааст. Аз с. 1998 ҳунарпешаи Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ. А. актёри соҳибистеъдод буда, ролҳоро самимию табиӣ меофарад, олами ботинии қаҳрамонҳоро бо маҳорати баланд мекушояд. Дар саҳнаи театрҳо ролҳои зиёде офаридааст: Модар («Айбнома»-и Н. Думбадзе), Адиба («Итихоби домод»-и Ҳ. Содиқ), Антигона («Муборизон»-и



Азизова Лола.



Азизова Саодатхон.

М. Карес), Соҳибхона («Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Е. Шварс), Аноргул («Восеъ»-и С. Улуғзода), зани осиёбон («Марги Яздигурд»-и Б. Байзоӣ), Меҳрбону («Шоҳ Исмоили Сомонӣ»-и М. Бахтӣ), Марямбону («Хусрав ва Ширин»-и М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ), зан («Юсуфи гумгашта»-и Ф. Қосимов), Зарема («Охирин хатои Искандар»-и Б. Абдураҳмонов), Регина («Шоҳ Лир»-и У. Шекспир), Муғулхотун («Нангбардори миллат»-и М. Бахтӣ), Хонзода («Бой ва хизматгор»-и Ҳ. Ҳамза), Қаламқош («Дод аз дасти Афандӣ»-и Ғ. Ашӯров) ва ғ. Дар фестивалозмуни «Парасту» роли зани осиёбон аз намоишномаи «Марги Яздигурд» беҳтарин роли занона дониста шуд. А. дар кинои тоҷик низ ролҳои ҷолиб офаридааст: Нафиса («Гумон»-и Аброр Зоҳир), зан («Пой дар гил»-и Ғ. Ашӯров), янгаи Меҳрубон («Дар орзӯи падар»-и К. Мирзоев), ҳамсоя («Гумгаштапайдо»-и М. Ғойиб), Зилзила («Маҳдӣ»-и С. Афардӣ), Гулбибӣ («Пайванди шикаста»-и М. Юсуфӣ). А. дар ҳайати эҷодии театрҳо ба Эрон, Полша, Белгия, Голландия, Франсия, Россия сафарҳои ҳунарӣ кардааст. Аз с. 2002 дар кафедраи маҳорати актёрии ДДСТ ба номи М. Турсунзода дарс медиҳад. Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок. Ба муносибати 100-сологии рӯзи таваллуди В. И. Ленин» сарфароз гардидааст. Узви Иттифоқи ходимони театри Тоҷикистон (аз с. 1987) мебошад.

Н. Шарипов.

АЗИЗО́Н, ниг. *Савр.*

АЗИЗУЛЛО́ҲИ САМАРҚАНДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷик (а. 15). Зодгоҳаш Самарқанд. А. С. асари *Улуғбек* «Зичи Улуғбек»-ро бо тамоми ҷадвалҳои мураккабаш бо хати хафифи насх китобат кардааст. Ин нусха дар Китобхонаи АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами 2214 маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АЗИЗХО́Н Абодиллохон (1849, деҳаи Хидорчеви Шуғнон – 1940, ш. Орёли Россия), ҳоким, мингбошии Шуғнон, Шоҳдара ва Рӯшон дар с-ҳои 1893 – 1917. Ҳамчунин дар адабиёти таърихӣ бо номи Шоҳ Азизхон ва Азис Ханъ маъруф аст. А. аз насли шоҳони Шуғнон (Шоҳдара) мебошад, ки то нимаи авв. а. 19 дар ин мантиқа фармонраво буданд. Соли 1883 Помири Ғарбӣ аз тарафи афғонҳо таҳти роҳбарии Амир Абдурраҳмонхон забт мешавад ва зулми ниҳоят бераҳмонаи онҳо дар сари мардуми навоҳии Шуғнон, Шоҳдара, Рушону Вахон то с. 1895 давом ёфт. Тибқи шаҳодати манобеи таърихӣ дар натиҷаи зулму куштори афғонҳо нуфуси аҳолии як худи Шуғнон аз 18 ҳаз. нафар ба 5 ҳаз. нафар коҳиш меёбад. Қисми мардуми ин навоҳӣ аз ҷабру зулм ба Сариқули Чин, Ӯш, Фарғона ва Андиҷон кӯч бастанд. Дар ҳамин муборизаҳои зидди зулми афғонҳо чеҳраи А. ҳамчун фарди таърихӣ ва шахсияти сиёсӣ зоҳир шуд. То ин замон Россияи подшоҳӣ Осиёи Миёнаро забт карда, қисми бештари онро ба губернияи Туркистон табдил дода буд ва он аз ҷониби генерал-губернатори Туркистон идора мешуд. Русҳо аллакай дар Мурғоб буданд ва А. бори нахуст аз ҷониби аҳолии маҳал ба Помири Шарқӣ, ба мулоқоти низомиёни рус, ки то ин ҷо нав роҳ паймуда буданд, фиристода мешавад. Баъди бозгашт аз Мурғоб А. барои раҳоӣ аз чанголи истибдодгарони афғон дар ташкил намудани номаҳои расмӣ аз номи аҳолии Помир ба унвони генерал – губернатори Туркистон пешсаф мешавад ва ҳамроҳ бо намояндагони рус ба Тошканд рафта мактубҳоро ба генерал – губернатор мерасонад. Июли 1894 афғонҳо ба ҳарби дастаҳои низомии рус тоб оварда натавониста рӯ ба гурез ниҳоданд. Хизмати А. дар озод кардани тоҷикони Помир аз зулму асорати чандинсолаи афғонҳо бузург буд. Ох. а. 19 Шуғнону Рӯшони соҳили рости д. Панҷ ва водиҳои Ғунду Шоҳдара дар як мулк муттаҳид шуданд ва А. мингбошӣ таъйин гардид. Сент. 1895 ба асоси шартномаи алоҳида байни Россияи подшоҳӣ ва Англия мулкҳои болооби Панҷ (Вахон, Шуғнон ва Рушон) ба ивази Дарвози соҳили чапи д. Панҷ ба Аморати Бухоро дода шуданд. Намояндаи амири Бухоро дар Помир барои ҷазби А. ба корҳои аморат ба ӯ унвони мирохӯрро дода, бо «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» мукофотонид. Вале манғитиён дар ҷабру зулм аз афғонҳои аҷнабӣ ҳам пеш гузашта, бо андозҳои гарон, ришватситониҳо, фосиқӣ ва одамрабоиҳо мардумро

ба танг оварда буданд. Авг. 1904 А., пири рӯҳонӣ Сайид Юсуфалишоҳ ва Амонбек – писари мингбошии Вахон таҳти ҳимояи экспедитсияи Б. А. *Федченко* ба Тошканд сафар карда, масъалаи аз итоати Бухоро баровардани Помир ва ба ҳайати Россия даровардани онро ҳал намуданд. А. ҳамчун роҳбари минтақавии қисмати зиёди Помир аз номи ҳукумати подшоҳии рус с. 1901 бо ордени «Станислави муқаддас» (дараҷаи III) ва с. 1910 бо ордени «Аннаи муқаддас» мукофотонида шудааст. Февр. 1913 А. расман дар ҷашни 300-солагии батахтнишинии авлоди Романовҳо дар ш. Санкт-Петербург иштирок карда, бо медали юбилейии «300-солагии хонаводаи Романовҳо» мукофотонида шуд. А. дар давоми 24 соли фаъолияташ дар сохтмони нахустин роҳҳои васеи аробагард, каналу чӯйборҳо, ҷой додани мардуми камзамин дар водиҳо, пазироии гурезаҳо аз Афғонистон, мубориза ба муқобили тарекфурӯшиву тарёккашӣ, мадад ба ҳар навъи мӯҳтоҷон хизмати босазое кардааст. А. яке аз чеҳраҳои барҷаставу шинохта, сиёсатмадори хирадманди тоҷик дар ох. а. 19 ва ибт. а. 20 дар шарқи Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Қ. Аламшоев.

АЗИМБОЙӢ, азимбойибодом, навъе аз бодомҳои маҳаллӣ. Дарахташ аҳромшакл, то 8 – 10 м қад мекашад. Самараш (авв. авг. мепазад) майда (вазнаш 1,5 – 2 г), пӯсташ тунуки сахт, мағзаш пурра, бештар ҷуфт. Аз 1 кг бодом 46,3% мағз ва 59 – 61% равған гирифтан мумкин аст. А.-ро ба ниҳоли хасаки бодом пайванд мекунанд. Ниҳолҳои А. аз рӯи тартиби 6 × 5 м шинонда мешаванд. Баъди 4 – 5 соли шинондан самар меорад. Ҳар дарахти 15-солааш то 15 – 20 кг ҳосил медиҳад. А. хеле барвақт (баробари 8 – 10°С гарм шудани ҳаво) гул мекунад, бинобар ин аксар вақт шукуфаашро сармо мезанад. Дарахти А. ба камобӣ тобовар аст. Дар заминҳои обӣ низ хуб месабзад (ҳангоми обмонӣ дар бехи дарахт об кӯл намекунанд, зеро он мехушкад). А. асосан дар боғҳои кӯҳнаи деҳаҳои Ёрӣ, Сӯчина, Ғӯсар, Чорбоғ ва Каттақишлоқи ноҳ. Панҷакент вомехӯрад. Мағзи А. хосияти хуби шифоӣ дорад. Онро барои давои бемориҳои сурфакабутак, зиқи нафас, сактаи дил ва ғ. истифода мебаранд.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935; Екимов В. П., Субтропическое плодоводство, М., 1955; Розанов Б. С., Плодоводство Таджикистана, Д., 1970.

АЗИМБОЙӢ, навъе аз ангурҳои маҳаллӣ. Селексияи халқист. Баргаш миёнаҳаҷмӣ гирда, 3 – 5-парра. Гулаш дуҷинса, хӯшааш миёнаҳаҷм (андозааш 22 × 16 см, вазнаш андаряк 375 г, баъзан то 1,5 кг), махрутшакл, шингилҳои болоияш нағз инкишоф ёфтаанд. Ғужбаш зич, сафеди зардтоб, ғужмаш тунук, гӯшташ хамираки сероб (аз ҷиҳати серобӣ ва таъм навъи обаки сафедро мемонад), ширин ва андак нордон. Баъди пурра пухтан то 23 % қанд ва 5,5 – 7,5 г/л туршӣ дорад. Токаш зуд месабзад, 45 – 55-фоизи навдаҳояш самаровар. Даври нашви токаш 137 –148 рӯз; авв. май гул карда, нимаи дуюми авг. мевааш мепазад. Аз ҳар га 180 – 200 сентнер ҳосил мегундоранд. Мевааш асосан тар мехӯранд, барои афшураву шаробкашӣ ҳам истифода мебаранд. А. бештар дар токзорҳои ҳаётаи сокинони ноҳ-ҳои Исфара, Конибодом, Ашт ва вил-ҳои Фарғонаю Андиҷони Ӯзбекистон парвариш меёбад. Токаш сармобардор аст (аз хунукии 18 – 20°С осеб намеёбад). Ба камобӣ ва намак тобовар, дар заминҳои санглох, обҳои зеризаминиаш наздик низ хуб месабзад. А.-ро саҳван Думи рӯбоҳи зард низ меноманд. Токаш аз касалии гарда ва баргпечаки хӯшаи ток зарар мебинад.

Ад.: Ампелография СССР. Малораспространённые сорта винограда, т. I, М., 1963; Рубан Н. Г., Сорта винограда Средней Азии, Ташкент, 1972.

Ҳ. Маҳмадқулов.

АЗИМӢ Одина (5. 5. 1952, деҳаи Самҷони ноҳ. Мастчоҳ – 15. 4. 2000, деҳаи Зарафшони ноҳ. Ҷаббор Расулов), шоири тоҷик. Хатмкардаи факти таъриху филологияи тоҷики Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1973). Муаллими мактаби миёна ва муддате корманди масъули г. «Пролетар тонги»-и ноҳ. Пролетар (ҳоз. Ҷаббор Расулов) буд. Ба шеъргӯӣ ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна шурӯъ кардааст. Дар оғоз шеърҳояш дар мачмӯаҳои дастаҷамъӣ ва матбуот ба табъ расидаанд. Ба ғайр аз анвои гуногуни шеър очерку ҳикояҳо низ менавишт. Муаллифи мачмӯаҳои «Ману ту» (1984), «Умеди умр» (1992), «Ашки сапеда» (1995), «Нигоҳи дил» (1998) ва ғ. А. шоири тозаназар ва тозагӯй буд. Мавзӯи ашъораш васфи Ватан, сулҳу вахдат, дӯстии халқҳо, тавсифи баҳору табиат, ишқу муҳаббат ва ғ. мебошад. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1992.

У. Назиров.

АЗИМОВ Абдураҳмон (тав. 10. 1. 1950, ш. Кӯлоб), арбоби давлатӣ ва низомӣ, генерал-лейтенанти қувваҳои сарҳадӣ (2002). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб (1972). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1972 – 73), муаллими садорати кафедраи забон ва адабиёти рус. (1973 – 74) ва раиси Комитети иттифоқҳои касабаи (1974 – 77) Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб, нозири Комитети Ҳизби коммунистии ш. Кӯлоб (1977 – 82), корманди Комитети бехатарии давлатии Тоҷикистон, ёвари сардори идораи Комитети амнияти миллии (КАМ) ҶТ (1982 – 92), сардори идораи КАМ ҶТ дар вил. Хатлон (1993 – 96), Котиби Шӯрои амнияти ҶТ ва муовини Сарвазири ҶТ (1996 – 99), раиси комитети Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии ҶТ оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният (2000 – 02), раиси Комитети ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати ҶТ (2002 – 05). Солҳои 2005 – 09 вакили Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии ҶТ буд. Бо орденҳои Ситораи Сурх (1990), Исмоили Сомонӣ (1998) ва медалҳо сарфароз гардидааст.



АЗИМОВ Абдусамад (1929, деҳаи Тегермии ноҳ. Комсомолобод – 1975, ноҳ. Ленин – ҳоз. Рӯдакӣ), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Сардори звено (1947– 49), муовини раиси к-зи ба номи Сталини ноҳ. Сталинобод (1949 – 53), нозири комитети ноҳиявии комсомол (1954 – 57), коргари раёсати «Энергострой» (1957 – 60) ва челонгари трести «Средазэлектромонтажизолятсия»-и ноҳ. Ленин (1960 – 75). Дар соҳаи пахтакорӣ ба муваффақиятҳо ноил гардидааст. Бо ордени Ленин, медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЗИМОВ Айзек (ном ва насаби аслиаш Исаак Озимов) (2. 1. 1920 – 6. 4. 1992), нависандаи америкоӣ, тарғибгари илм. Дар мавзеи Петровичи Белоруссия ба дунё омадааст. Соли 1920 оилаи А. ба Америка ҳиҷрат кард. Хатмкардаи фак-ти химияи Донишгоҳи Колумбия (1939). Дар ҳамин донишгоҳ дарс медод (проф. с. 1979). А. эҷодгари осори бадеии илмӣ-фантастикӣ (тахайюлӣ) мебошад, ки унсурҳои саргузаштӣ ва детективиро (моҷароиро) дар бар мегиранд. Ба қалами А. силсилаи романҳои «Бунёд» (1951 – 88; оид ба ояндаи инсоният), силсилаи машҳури

асарҳо оид ба роботҳо («Ман – робот», 1950; «Ғорҳои пӯлодин», 1954, «Офтоби урён», 1957; «Роботҳои субҳ», 1983 ва ғ., дар бораи муносибати байниҳамдигарии зеҳни сунъӣ ва одоби инсонӣ) тааллуқ доранд. Оид ба офариниши олам, илми табиатшиносӣ, замину кайҳон асарҳои илмӣ-оммавӣ навиштааст. Дар Америка бо номи «Asimow s Science Fiction and Fantasy» аз с. 1976 маҷаллае нашр мешавад.

АЗИМОВ Амирқул Насимович (тав. 1948, деҳаи Искодари ноҳ. Айнӣ), арбоби низомӣ, генерал-лейтенанти милитсия (2002). Хатмкардаи фак-ти ҳуқуқшиносии УДТ (1972) ва Мактаби олии ҳизбии ш. Москва (1986). Солҳои 1972 – 78 муфаттиши прокуратураи ш. Душанбе, муфаттиши калони Прокуратураи Тоҷикистон оид ба корҳои махсусан муҳим, 1978 – 87 корманди КМ ҲК Тоҷикистон, 1987 – 89 сардори шӯъбаи тафтишот ва сардори Раёсати тафтишотӣ оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнини Прокуратураи ҶТ, 1992 – 94 муовини вазири корҳои дохилии ҶТ, 1994 – 95 мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба корҳои мудофиа ва тартибот, 1995 – 96 Прокурори генералии ҶТ. Аз с. 1996 котиби Шӯрои амнияти ҶТ. Депутати Шӯрои Олии ҶТ (1995). Бо орденҳои «Барои шуҷоати шахсӣ», Дӯстӣ, медалҳо сарфароз гардидааст.

АЗИ́МОВ Аъзамҷон Холматович (8. 3. 1959, деҳаи Ворухи ноҳ. Исфара), адабиётшинос, публитсист ва рӯзноманигори тоҷик, доктори илмҳои филология (2009). Хатмкардаи УДТ (1984). Муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи «Таърихи матбуот»-и факти журналистикаи Университети давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (1988 – 89). Аспирант (1989 – 93), дотсент ва мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факти журналистика ва тарҷумонии ДМТ (1994 – 2006). Декани факти муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамзамон иҷрокунандаи вазифаи проректори Донишкадаи инноватсионӣ ва комуникатсионии Тоҷикистон (2006 – 2007) буд. Аз с. 2010 муаллими кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ. А. ба масъалаҳои таърихи ташаккули матбуоти тоҷики солҳои бистум (дар мисоли рӯзномаи «Овози тоҷик» ва заминаҳои он пардохта, оид ба журналистикаи тоҷик дар солҳои инқилоби маданӣ (с-ҳои 1929 – 40) таҳқиқоти муфассали илмӣ анҷом додааст. Ба қалами А. зиёда аз 60 мақолаи илмӣ ва 150



Азимов Аъзамҷон.



Азимов Раҷабалӣ.



Азимов Яҳё.



Азимова Азиза.

мақолаи публитсистӣ тааллуқ дорад. Муаллифи монография, китобҳо ва маҷмӯаҳои «Шарораи меҳр» (1997). «Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик» (1998), «Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» (2000), «Публитсистика ва замони муосир» (2003), «Таърихи ташаккули радиои тоҷик» (2005), «Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм» (2007), «Марзи сухан» (2008), «На заре стоновления» (2010) ва ғ. мебошад. Дорандаи ҷоизаи ИЖ Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ (2008), Аълочии матбуоти ҶТ (2003), Аълочии фарҳанги ҶТ (2004), Аълочии маорифи ҶТ (2005). Узви конфедератсияи байналхалқии журналистон ва аз с. 1997 узви ИЖ Тоҷикистон.

Ос.: Нишоти умр, Д., 2000; Гавҳаршинос, Д., 2001; Ҳадиси дӯст; Становление таджикского радио; Меҳрафзун, Д., 2007; Перояи умр; Оташи меҳр; Озодамард, Д., 2008. *Ф. Маҳмадуллоев.*

АЗИ́МОВ Раҷабалӣ Каримович (тав. 2. 2. 1960, деҳаи Корези Болои ноҳ. Кулоб), арбоби низомӣ, генерал-майор (2003). Хатмкардаи Ин-ти тарбияи ҷисмони Тоҷикистон (1986). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1978 – 80), муаллими мактаби миёна дар ш. Кӯлоб (1986 – 93), сардори шӯъбаи Комиссариати ҳарбии ноҳ. Восеъ (1993 – 94), сардори гурӯҳ ва муовини комиссари ҳарбии ноҳ. Рӯдакӣ (1994 – 95), сардори Комиссариати ҳарбии ноҳ. Шоҳмансури ш. Душанбе (1995 – 97), муовини раиси Комитети ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ (1997 – 98), муовини вазири ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ҶТ (1998 – 2006), корманди масъули Сарраёсати нерӯҳои марзбони Комитети давлатии амнияти миллии ҶТ (2006 – 09). Аз с. 2009 дар истеъфо. Бо ордени «Шараф» (дараҷаи I) сарфароз гардидааст.

АЗИМОВ Яҳё Нуриддинович (тав. 4. 12. 1947, Хуҷанд), арбоби давлатӣ. Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996 – 99), Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997). Соли 1971 Ин-ти саноати сабук ва бофандагии ш. Тошкентро бо ихтисоси муҳандиси технологияи истеҳсоли трикотажӣ хатм кард. Солҳои 1971 – 74 дар фабрикаи трикотажии ш. Ӯротеппа (Истаравшан) дар вазифаҳои гуногун кор кард. Солҳои 1975 – 82 сармуҳандис ва директори фабрика, 1983 – 92 сармуҳандис ва директори генералии Иттиҳодияи истеҳсолии қолинбофии Қайроққум, 1992 – 96 президенти Ҷамъияти саҳҳомии «Қолинҳо», 1996 – 2000 Сарвазири ҶТ, 2000 – 2001 вазири иқтисод ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии ҶТ буд. Аз с. 2004 президенти Синдикати (ширкати) гилембарории ИДМ. Борҳо намояндаву вакили иҷлосияҳои ҳизбиву иттифоқи касаба, депутати халқии Шӯрои Олии ҶТ (1990 – 95), депутати халқии Маҷлиси Олии ҶТ, (1995 – 2000) буд. Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» (1986), Исмоили Сомонӣ (1999), медали «5-солагии Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1998) сарфароз гардидааст. Соҳиби медали тиллоии «Ташкилоти умумиҷаҳонии моликияти интеллектуалӣ» (2001). Узви пайвастаи Академияи муҳандисии ҶТ, акад. Академияи халқии «Нури Хуҷанд». Аз июни 2008 раиси Шӯрои директорони ҶСК-и Комбинати қолинбофии Қайроққум. *Б. Раҳматов.*

АЗИ́МОВА Азиза (тав. 5. 12. 1915, деҳаи Сурхии ш. Истаравшан – 1997, Душанбе), раққоса, балетмейстери тоҷик. Артисти халқии РСС Тоҷ. (1941). Дар омӯзишгоҳи педагогии занонаи Бухоро (1927) таҳсил намуда, дар дастаи ҳаваскорони он ҳунарнамоӣ кардааст. Ҳунарпешаи Театри сайёри коргарони Тошкент (1930 – 32). Баъди ба Тоҷикистон омадан артисти Театри давлатии драмаи тоҷик (1932) ва раққосаи Театри мусиқии тоҷик (ҳоз. Театри давлатии академияи опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ; 1938 – 46) буд. Хатмкардаи шӯъбаи режиссёрию балетмейстерии Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи ш. Москва (1951). Сарбалетмейстери Филармонияи давла-

тии Тоҷикистон (1951 – 64). А. дар Театри Кобул-нандории Афғонистон устоди рақс буд (1964 – 65, 1983 – 85). Аз с. 1967 дотсенти фак-и санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (ҳоз. ДДСТ ба номи М. Турсунзода). Беҳтарин нақшаҳои драмавиаш: Ширин («Мубориза»-и А. Усмонов), Раъно (пйесаи ҳамноми С. Саидмуродов), Аделма («Маликаи Турандот»-и К. Готси) ва ғ. А. дар саҳнаи балет нақшҳои Нозгул («Ду гул»-и А. Ленский, 1941), Лиза («Эҳтиётқории беҳуда»-и П. Л. Гертел, 1943), Мария («Фаввораи боғчасарой»-и Б. Асафев, 1945)-ро офаридааст. Дар драмаҳои мусиқии «Гулсара»-и К. Яшин (1938), «Розия»-и Ё. Акубҷонов ва Н. Зеленранский (1942), «Суруди ғазаб»-и Г. Г. Эл-Регистон ва А. М. Крепс (1942), намоишномаи мусиқии «Лола» (1938) ва нахустин операҳои тоҷик – «Шӯриши Восеъ» (1939) ва «Коваи оҳангар»-и С. Баласанян (1940), «Тоҳир ва Зӯҳро»-и А. Ленский (1944) як қатор рақсҳои яккаса ва бисёркасаро бо маҳорат иҷро намудааст. Яке аз аввалин рақҳосаҳоест, ки техникаи рақси классикии европоиро аз худ намуда, бо унсурҳои рақси миллӣ омезиш додааст. А. балетҳои «Лолаи сурх», «Доктор Айболит»-ро ба саҳнаи Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ гузоштааст. Муаллифи китоби дарсӣ, брошюраҳо ва мақолаҳо оид ба санъати хореографии Тоҷикистон. Бо ду ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

Ос.: Танцевальное искусство Таджикистана, Сталинабад, 1957; Мастера хореографического искусства, Д., 1977; Таджикский танец и методика его преподования в учебных заведениях и коллективах художественной самодеятельности, Д., 1982. *Н. Нурҷонов.*

АЗИ́МОВА Ашӯрбибӣ (1902, ш. Исфара – 22. 3. 1976, ҳамон ҷо), корманди давлатӣ, аз зумраи барқароркунандагони Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Фаъолияти меҳнатиаш аз с. 1927 оғоз шуда, дар вазифаҳои масъули давлатию ҳизбӣ кор кардааст. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2 – 3) ва ҷонишини Раиси Совети Олии РСС Тоҷ. буд. Бо 2 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АЗИ́МОВА Матлуба Нуриддинова (тав. 24. 5. 1946, Ленинобод), забоншиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (2006). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии ш. Ленинобод (1968). Пас аз хатми таҳсил дар ҳамин донишкада муаллим, муаллими калон, мудири кафедра будааст. Декани фак-ти забонҳои хориҷӣ (1992 – 2003). Аз с. 2003 мудири кафедраи забони англисӣ. Ба қалами А. беш аз 60 рисолаву мақола ва дастурҳои таълимӣ тааллуқ доранд. Самти асосии таҳқиқоти А. таҳлили муқоисавии лексика ва фразеологияи забонҳои тоҷикию англисӣ, таснифи семантикии воҳидҳои фразеологии ин забонҳо, таълими нутқи шифоҳии забони англисӣ ва ғ. мебошад. Аълочии маорифи ҶТ (1996). Аз с. 1999 шаҳрванди ифтихории ш. Линколни штати Небраскаи ШМА мебошад.



Ос.: Учебник английского языка, Х., 1998; Семантическая классификация фразеологических единиц в таджикском и английском языках, Х., 1998; Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского языков, Д., 2006.

АЗИ́МОИ НИШОПУРӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1698, Нишопур), шоири эронӣ. Дар зодгоҳаш – Нишопур таҳсил кардааст. Бо тахал. «Азим» ва «Азимо» шеър гуфтааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигор Малеҳои Самарқандӣ А. Н. дар шеъру шоирӣ «шӯҳраи офоқ…» буд. Махсусан, дар Моваруннаҳр шӯҳрати тамом дошт ааст. Ду нусха аз девони ашъори А. Н. боқӣ мондааст, ки яке дар китобхонаи Музейи Британия ва дигаре дар Китобхонаи Авади ш. Банкипур махфузанд. Ҳар ду нусха мукаммал буда, дар онҳо ғазалиёт, қасоид, рубоиёт, таркиббанду тарчеъбандҳо ва қитъаҳои сурудаи А. Н. фароҳам омадаанд. Аз А. Н. инчунин маснавие бо номи «Фавзи Азим» боқӣ мондааст.

А́ЗИМУТ (аз ар. ҷамъи – самт, сӯ), А.-и ҷирми осмонӣ ё А.-и ягон ашё дар замин, кунҷи байни ҳамвории меридиани нуқтаи мушоҳида ва ҳамвории амудӣ, ки аз ин нуқта ва ҷирми мушоҳидашаванда (ё ашёи заминӣ) мегузарад. А. дар астрономия аз нуқтаи ҷанубии уфуқ ба самти ғарб, дар геодезия аз нуқтаи шимолии уфуқ ба самти шарқ бо андозаи камони уфуқӣ чен карда мешавад ($0° \leq \alpha \leq 360°$). А.-ро асосан ба воситаи мушоҳидаҳои астрономӣ муайян мекунанд. А.-и ашёи рӯизаминиро бо ёрии қутбнамо (компас)-и магнитӣ ҳам муайян кардан мумкин аст.

АЗИ́НҲО, навъе аз пайвастҳои гетеросиклӣ. Дар сикл ду ва зиёда аз он гетероатом доранд, ки якеи он атоми нитроген аст. А.-и дар ҳалқа ду атоми нитроген доштаро, диазин, се атоми нитроген доштаро триазин, атомҳои нитроген ва оксиген доштаро оксазин, атомҳои нитроген ва сулфур доштаро тиазин меноманд. Ҳамаи А. чун асос бо кислота намак ҳосил мекунанд. Бисёр пайвастҳои азинӣ моддаҳои фаъоли физиологӣ мебошанд. Онҳо ба таркиби дорувор, ранг, гербисидҳо, витаминҳо, гормонҳо, кислотаҳои нуклеинат ва ғ. дохил мешаванд. Диазинҳо дар ҳалқаашон ду атоми нитроген доранд. Пиридазинҳо аҳамияти калон надоранд. Моддаи асосии ин гурӯҳ – пиридазинро аз алдегиди малеин ва гидразин ҳосил кардан мумкин аст. Пиридазин дар об ҳал мешавад. Бӯяш ба бӯи пиридин шабоҳат дорад; ҳарор. гуд. 6,4°С. Пиримидинҳо пайвастҳои хеле муҳим ба шумор мераванд. Атоми пиримидинӣ асоси баъзе моддаҳои муҳими растанигӣ, аз ҷумла ҳосилаҳои пурин, кислотаҳои пешоб, маҳсули таҷзияи кислотаҳои нуклеинат (уратсил, тимин, ситозин) ва ғ.-ро ташкил медиҳад. Пиримидин пайвасти устувор аст; ҳарор. гуд. 20 – 22°С, ҳарор. ҷӯш. 124°С. Муҳити маҳлули обии он нейтралӣ аст. Бо кислотаҳо намак ҳосил мекунад. Дар асоси пиримидин ходимони Ин-ти химияи АИ ҶТ усули нави синтези рангубор ва истифодаи онро барои олкории нахҳои синтезӣ дарёфт намудаанд. Пиразинҳо ба таркиби моддаҳои рангубор, мас., рангҳои феназинӣ, индантрем ва ғ. дохил мешаванд. Пиразинҳои одӣ моддаҳои зудбухор буда, бӯи нисбатан хуш доранд. Онҳо то ба гексагидропайвастҳо барқарор гашта, ба пиперазин ва ҳосилаҳои он табдил меёбанд. Триазинҳо се атоми нитроген доранд, ки пайиҳам, ғайрисимметрӣ ва симметрӣ ҷойгир шудаанд. Навъи 1, 2, 3 - триазинҳо фақат дар намуди системаҳои ҳалқагии конденсатсияшуда, мас., бензотриазин маълуманд. Аз ҷумлаи ҳосилаҳои 1, 2, 4 - триазин пайвастҳое, ки дар таркибашон як ё ду атоми оксиген доранд, бештар дастрасанд. Ҳосилаҳои 1, 3, 5 - триазин хеле бисёранд. Кислотаҳои сианур ва изосианур, хлорангидрид ва эфири кислотаи сианур аз ҷумлаи ҳосилаҳои 1, 3, 5 - триазин мебошанд. Аз сианурхлорид гербитсид ва рангубор тайёр карда мешавад. Ҳалқаи оксазинӣ ва тиазинӣ дар таркиби бисёр моддаҳои дорӯӣ ва рангубор, инсектисидҳо ва ғ. мавҷуд аст. Аз

ҳосилаҳои оксазин ва тиазин бештар пайвастҳое, ки дар таркибашон ду ядрои бо ҳам конденсатсияшудаи бензолӣ доранд (мас., феноксазин ва фенотиазин), аҳамияти амалӣ пайдо кардаанд.

Ад.: Каррер П., Курс органической химии, Л, 1962; Несмеянов А. Н., Несмеянов Н. А., Начало органической химии, т. II, М., 1970; Петров А. А., Балян Х. В., Трощенко А. Т., Органическая химия, М., 1981; Сабиров С. С., Самиев М. С., Методические разработки по теоретическому курсу биоорганической химии, часть II, Д., 1984; Тюкавкина Н. А., Бауков Ю. И., Биоорганическая химия, М., 1985. *М. Самиев.*

«А́ЗИЯ-ПЛЮС», аввалин агентии иттилоотии мустақил дар ҶТ. Соли 1996 таъсис ёфтааст. Аз с. 1996 ҳар ҳафта бюллетени таҳлилию иттилоотии «Asia-Pius»-ро нашр мекунад. Аз с. 1998 навори ҳарҳафтаинаи иттилоотии «АП-Блитс»-ро ба табъ мерасонад. Бахшҳои асосии «А.»: «Ҳокимият», «Парламент», «Ҳамкорӣ», «Иқтисодиёт», «Молия», «Энергетика», «Саноат», «Алоқа», «Мудофиа», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Ҷамъият», «Маориф», «Тандурустӣ», «Ҳизбҳо», «Экология», «Ёрӣ», «Варзиш», «Минтақаҳо», «Осиёи Марказӣ», «ИДМ», «Дунё». Шабакаи мухбирии «А.»: Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ. Қабулкунандагони иттилооти «А.»: Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, як қатор вазорату идораҳо, Ҳукумати ш. Душанбе, бонкҳо, созмонҳои байналхалқӣ, Бонки тараққиёт ва рушди Европа, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Хазинаи Оғохон, васоити ахбори умуми маҳаллӣ ва хориҷӣ, намояндаҳои дипломатии хориҷӣ дар ҶТ, сафоратхонаҳои ҶТ дар як қатор давлатҳои хориҷӣ. Аз с. 2000 шакли электронии ахбор интихобан дар сомонаи Интернет дохил карда мешавад.

«АЗИЯ-ПЛЮС», нахустин ширкати радиову телевизионии мустақили ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон. Соли 1996 таъсис ёфтааст. Дар сохтори «А.» радиостансияи «Азия-Плюс» фаъолият дорад, ки садояш бори аввал 9 сент. 2002 дар Рӯзи Истиқлолияти Ҷумхурии Тоҷикистон пахш шуд. Барномаҳои радиои «А.» дар як шабонарӯз 24 соат ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ шунавонида мешаванд. Аз барномаҳои радиои «А.» сокинони ш. Душанбе ва ноҳияҳои атрофи он истифода мебаранд. Дар сохтори «А.» продакшн-студияи телевизионӣ низ фаъолият дорад. Студияи мазкур ба истеҳсоли филмҳои ҳуҷҷатӣ, наворҳои рекламавӣ ва клипҳои мусиқӣ машғул аст. «А.» дар давраи фаъолияташ як қатор иқдому лоиҳаҳои бузург доир намудааст: маросими супоридани ҷоизаҳои мусиқӣ дар соҳаи санъати мусиқии муосири Тоҷикистон «Суруди сол» (2003, 2004, 2005) ва «Навои дил» (2007), консерти идона бахшида ба 13-солагии Рӯзи Истиқлолияти Ҷумхурии Тоҷикистон (2004), иқдомҳои иҷтимоии «Маҳбуб», «Форуми бачагонаи об» (бо фармоиши СММ ва ЮНИСЕФ; 2003), консертҳои ҷашнӣ бахшида ба 80-солагии КВД ҳавопаймоии «Тоҷикистон» (2004), Рӯзи энергетикҳо (2005), маросими ботантанаи аз нав саршавии сохтмони НБО Роғун (бо фармоиши ширкати РусАл, ш. Роғун; 2005), маросими ботантана кушодашавии меҳмонхонаи «Ҳаёт-Реҷенс»-и Душанбе (бо фармоиши ширкати «Русские отели, 2009») ва ғ. *Н. Шарипов.*

АЗМ, амали мураккабест, ки одамро барои ба мақсади дар наздаш гузошта расидан водор мекунад. А. мақсадгузории иродавии одам буда, аз фаҳмидагирии вазифаҳои дар пеш истодаи одам, ки бо шавқу ҳавас ва талаботи ӯ алоқаманданд ва муайян кардани воситаҳои бамақсадрасӣ иборат аст. Ҳамаи ин амалҳои фаъолияти равонӣ метавонанд ҳам дар шакли фикрӣ ва ҳам дар шакли эҳсосӣ зоҳир шаванд. Шахс ба воситаи А. моҳияти иҷтимоии рафторҳояшро дониста мегирад ва илова ба он, то чӣ дараҷа бо амалҳояш мувофиқат намудани азмашро мефаҳмад.Ниг. низ *Ирода*.

АЗМИНАИ ИҚОӢ, дар назарияи мусиқии форс-тоҷик фосилаи замонии байни ду нақра (садои зарбӣ). Дар илми *адвор* иқоъ ду навъ мешавад: яке мувассал ва дигаре муфассал. Дар иқои мувассал бояд азминаҳо (замонҳо)-и байни нақарот бо ҳам мусовӣ бошанд, ки он ба таркиби алҳонӣ вобастагӣ дорад. Вале дар иқои муфассал азминаҳо аз ҷиҳати тӯл гуногунанд. Ниг. низ *Иқоъ* ва *Фосила.*

АЗНАВТАРБИЯКУНӢ, намуди тарбия, ки мақсади он бартараф намудани хислатҳои манфӣ ва инкишоф додани хислатҳои мусбат дар наврасон мебошад. Сабабҳои гуногун, аз қабили таъсири муҳити носолим, саҳву хатоҳои волидайн, муаллимону номукаммалии худи системаи кори тарбиявӣ ва ғ. метавонанд ба шахсияти хонанда таъсири манфӣ расонанд ва рафтори ӯро коста гардонанд. Дар хулқи баъзе наврасон камбудиҳои ҷиддӣ (мас., носкашӣ, сигоркашӣ, бадмастӣ, ҷангарагӣ ва ғ.) зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, дар баробари тарбия зарурати А. дар оила, мактаб, муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ва коллективҳои меҳнатӣ пеш меояд. А. раванди мураккабу тӯлонист, зеро муаллим бояд андеша, одат ва хислатҳои шаклгирифтаро дигар кунад ва хусусиятҳои навро ташаккул диҳад. Назария ва амалияи А. ба чунин мавқеъ такя мекунанд: майлҳои ҷиноятқорона, беинтизомӣ, норасоӣ дар хулқ, одатҳои бади табиати модарзодӣ надошта, балки дар натиҷаи таъсири номусоидии ҳаёт, норасоӣ дар тарбия ва ё муҳити носолими психикӣ бавуҷудоянда. Барои ислоҳи чунин майлҳо ва одатҳои бад шароити тарбиягирандаро дар оила ва мактаб тағйир бояд дод, то ки таъсири манфии атроф пешгирӣ карда шавад. Мас., муҳити психологии хонаро дигар кардан, хонандаро аз шароити хона ҷудо карда, ба мактаб-интернат додан, ӯро ба синфи дигар ё мактаби дигар гузарондан лозим аст, то ки рафиқони нав пайдо кунаду аз майлу хоҳишҳои манфиаш дур шавад. Вале ин ҳама барои А. кофӣ нестанд. Ба шахсияти тарбиягиранда, ба шуур ва рафтори ӯ таъсири бевосита бояд расонд. Дар ин ҷо усули боваркунонӣ, сафарбаркунии қувваи коллектив (созмонҳои талабагӣ, муассисаҳои беруназмактабӣ, ҷамоатчиён ва ғ.) баҳри ислоҳи рафтори ношоям, ба меҳнати фоиданок ҷалб намудани хонандагон ва ғ. метавонанд ба раванди А. мусоидат намоянд. *Х. Раҳимов.*

А́ЗО.., қисми таркибии номи як гурӯҳ пайвастҳои химиявӣ, ки дар таркибашон нитроген доранд, мас., *азопайвастҳо, азобензол* ва ғ.

АЗОБЕНЗО́Л ($C_6H_5N = NC_6H_5$), навъе аз азопайвастҳои ароматӣ; кристаллҳои сурхи ҷигарранг. Ду изомер дошта, транс-изомери он нисбатан устувор аст; ҳарор. гуд. 68°С. Дар об ҳал намешавад, дар кислотаи атсетати яхин, эфир, кислотаи консентронидаи сулфат ҳал мешавад. А.-ро дар натиҷаи дар муҳити ишқорӣ бо иштироки станнити натрий ё моддаҳои ба ҳамин монанд барқарор намудани нитробензол ҳосил мекунанд. А. дар нах бокӣ намемонад, бинобар ин чун ранг кор намеояд. Агар ба молекулаи он аминогурӯҳ ё оксигурӯҳ дохил карда шавад, дар он сурат ранги одитарин ҳосил кардан мумкин. Асоси бисёр рангҳои А.-иро ядрои А. ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ба ҳамаи рангубо-

ре, ки дар онҳо ядрои А. мавҷуд аст, чун ҳосилаи А. назар мекунанд. Мас., диметилазобензол – ранги зард, оксиазобензол – ранги ҷигарранг ва ғ.

АЗО́БИ РӮҲӢ, маҷмӯи эҳсосҳои ниҳоят нофорам, нохуш, ногувор, вазнин, озордиҳанда ва пуразияти мавҷудияти зинда, ки дар рафти он инсон азоби сахти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мекашад. А. р. эҳсоси дарду азият, бадбахтӣ, мусибат ва ғаму ғуссахӯрӣ буда, бадшавии ҳолати рӯҳии инсонро ифода мекунад. А. р. мутамарказшавии амалҳои фикрии инсонро ба ин ё он муаммои душворҳал инъикос менамояд. Ин метавонад афсӯсхӯрӣ аз айёми гузашта, тарс аз ояндаи торику норавшан, ҳасадхӯрӣ, қонеъ нагаштани хоҳишу талабҳо ва ғ. бошад. А. р. ҳамчун зуҳуроти эҳсосот вобаста ба хусусиятҳои фардию психологии шахс метавонад ҳар хел сурату ҷараён гирад: якеро ба доми худ кашад ва дигаре аз ин азобу алам, азиятҳо тачриба андӯхта, дорои малакаи азсаргузаронии беоқибати А. р. мешавад. Мас. азсаргузаронии мусибат яке аз зуҳуроти шадидтарини А. р. мебошад ва танҳо мусаллаҳ будан бо усулҳои пешгирию пастнамоии он метавонанд ҳолати А. р.-и нсонро нисбатан мӯътадил гардонанд. А. р. кашидан аз масъалаҳои муҳими психологияи амалӣ буда, муайян намудани роҳҳои осон азсаргузаронии он аз мавзӯъҳои тадқиқотии он ба шумор меравад. *М. Давлатов.*

АЗО́В, Баҳри Азов, дар вил. Ростови Россия воқеъ буда, ба ҳавзаи Уқёнуси Атлантик мансуб аст. Онро гулӯгоҳи Керч бо Баҳри Сиёҳ мепайвандад. Масоҳ. 38 ҳаз. км^2; ҳаҷми об ба ҳисоби миёна 320 км^3. Чуқуриаш ба ҳисоби миёна 8 м, ҷойи аз ҳама чуқураш 14 м. Соҳилҳои ғарбӣ, шимолӣ ва шарқиаш асосан паст, аз регсангҳои гӯшмоҳидор таркиб ёфтаанд. Соҳилҳои ҷанубӣ бештар ҷарӣ доранд. Таги баҳр ҳамвор буда, дар қисми марказ андаке нишеб аст. Қисми ҷан. шарқии А. вулқонҳои лойфишон дорад. Халиҷҳои кушоди калонаш: дар Шим. Ш. Таганрог, дар Ҷ. Ш. Темрюк, дар Ҷ. Ғ. Арабат. Ҷазираҳои пасти начандон калон – Бирючий, Песчанйе, Черепаха дар назди соҳилҳо ҷойгиранд. Ба А. д-ҳои калони Дон, Кубан, дарёчаҳои Миус, Бердя, Обиточная мерезанд. Иқлими атрофи баҳр континенталист. Зимистонаш хушки сард, тобистонаш гарм. Ҳарор. миёнаи ҳаво дар моҳҳои янв. ва февр. аз –1^{0}С то –6 ^{0}С, дар июл 23 – 24 ^{0}С. Боришоти солона – 300 – 500 мм. Оби баҳр тира, ҳарор. об тобистон 25 – 30^{0}С, зимистон аз 0^{0}С пасттар. Охирҳои дек. то авв. март ях мебандад. Шӯриаш 9 – 11‰, дар назди резишгоҳҳо то 2 – 4‰ ва камтар аст. Вобаста ба самти вазиши бод ҷараёни об тағйир меёбад. Аз А. тосмоҳӣ, симмоҳӣ, сагмоҳӣ, шӯрмоҳӣ, судак, таран, шемая, хамса ва ғ. шикор мекунанд. А. ҳамчун роҳи нақлиёти баҳрӣ аҳамияти калон дорад. Бандарҳои калонаш: Таганрог, Жданов, Ейск, Бердянск.

АЗО́В, шаҳр дар вил. Ростови Федератсияи Россия. Дар соҳили д. Дон, 7 км дуртар аз резишгоҳи он ба халиҷи Таганроги Баҳри Азов ҷойгир аст. Аҳолиаш 82,1 ҳаз. нафар (2004). Бандари баҳрию дарёӣ дорад. Дар давраҳои қадим дар ҳудуди А. юнониҳо, скифҳо ва хазарҳо маскун буданд. Асрҳои 10 – 11 дар ҳайати князигарии Киеви Рус буд. Дар с. 1067 А.-ро қипчоқҳо забт карда, онро Азак номиданд. А.-ро с. 1395 қӯшунҳои Темур ва с. 1471 туркҳо ишғол намуда, онро ба истеҳкоми ҳарбӣ табдил доданд. Солҳои 1637 – 42 А. дар дасти казакҳои Дон буд. Соли 1696 А.-ро қӯшунҳои Россия ишғол карданд. Соли 1708 А. маркази губернияи Азов, чанд муддат (1711 – 39) дар тасарруфи Империяи Усмонӣ буд ва баъдан боз ба Россия ҳамроҳ гардид. Дар А. з-ди автоматҳои пресси оҳангарӣ, коргоҳҳои киштисозӣ, саноати сабук (ф-каҳои чуроббофӣ, пойафзор, дӯзандагӣ ва ғ.), хӯрокворӣ (асосан моҳӣ), масолеҳи бинокорӣ мавҷуданд. Техникумҳои политехникӣ, индустриявию педагогӣ, омӯзишгоҳи педагогӣ ва музейи таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

АЗОЗИ́Л, Иблис, яке аз номҳои қадимии Шайтон пеш аз он ки нофармонӣ кард. Тибқи ривоятҳои исломӣ яке аз се фариштаест (дар баробари Ҳорут ва Морут), ки Худованд онҳоро ба замин фиристод, то мононди одамиён зиндагӣ кунанд ва аз ҳаромҳо бипарҳезанд, вагарна танбеҳ дода мешаванд. Пас аз муддате А. донист, ки дар замин аз амалҳои ношоиста парҳез кардан ғайриимкон аст. А. зимни изҳори нотавонӣ назди Худованд арз кард, ки аз ӯҳдаи чунин имтиҳон баромадан барояш душвор аст. Вале ду тани дигар дар пайи анҷоми амри ба онҳо фармуда шуданд ва ба доми фиреби зане (Зӯҳра-Ноҳид) афтоданд. Онҳо шароб нӯшиданд ва Исми аъзамро ба он зан гуфтанд. Дар мукобили ин кирдор дар Чоҳи Бобул сарозер овехта шуданд ва то рӯзи растохез дар чунин ҳол хоҳанд монд. Номи А. дар Таврот низ вомехӯрад. А. дар адабиёти форс-тоҷик ҳамчун образи шеърӣ ба маънои шайтон, рӯҳи палид истифода шудааст:

В-агар дардиҳад як садои карам,
Азозил гӯяд насибе барам.

Саъдӣ.

***

Шуд Азозиле аз ин мастӣ балис,
Ки чаро Одам шавад бар ман раис?!

Ҷалолуддини Румӣ

***

Бад зи густохӣ кусуфи офтоб,
Шуд Азозиле зи чуръат ради боб.

Ҷалолуддини Румӣ

Ад.: Ёҳақӣ Муҳаммад Ҷаъфар, Фарҳанги асотир ва ишороти достонҳо дар адабиёти форсӣ, Т., 1375 ҳ. ш. *С. Маҳмадуллоев.*

АЗОИМИ́Д (HN_3), кислотаи бо гидроген ҳосилкардаи нитроген. Моеи беранг буда, бӯи тез дорад; моддаи захрнок аст; ҳарор. ҷӯш. – 37°С, ҳарор. гуд. – 80°С. Ҳангоми каме зарба задан ё соиш додан метаркад. Аз ҳосилаҳои А. диазобензолимид (фенилазоимид) $C_6H_5N_3$ маълум аст. Он моеи зарди равғанмонанд буда, дар об ҳал намешавад, дар этанол ва эфир бад ҳал мегардад.

АЗОИМХОНӢ (ар. азоим – ҷ. азимат – дуохон, афсунгар, афсунхонанда), суханҳои дуомонанде, ки гӯё барои дафъи «чину париён», сиҳат намудани беморони рӯҳӣ, хоббиниҳо, эҳсоси бад кардан ва амсоли инҳо хонда, куфу суф мешавад. А.-ро афсунгарӣ ҳам мегӯянд. Ин амалҳо беморонро чунин водор менамоянд, ки ба онҳо парӣ, дев, ҷин, момо, лашкар, албастӣ ва неруҳои дигари фавқуттабӣ таъсир карда бошанд ва гӯё пас аз А. бемор сиҳат мешавад. Нисбати А. истилоҳҳои «ҷоду», «афсун», «азоим», «азоимхонӣ», гоҳе «дуо» ва дар бораи иҷрогаронаш «ҷодугар», «афсунгар», «дуохон», «афсункун», «сеҳргар» ва монанди инро ба кор мебаранд. Маъмулан азоимхон бо содои пасту баланд, ҳаракати дастон, қиёфабозиҳо матнҳои махсусро дар бораи неруҳои ба чашм ноаёни ба инсон таъсиркунанда амалан иҷро намуда, ба онҳо таъсир мерасонад. Нишонаҳои матнҳои ба афсуну азоим монандро дар осори қадимӣ ба монанди «Ведо», Авесто, «Бундиҳиш» ва диг. асарҳои динӣ, ки дар онҳо эътиқоди мардум бар ҳодисаҳои фаротабиӣ оварда шудааст, метавон дид. Ба тавассути афсунгарӣ, азоимхонӣ, дуохонӣ табобат кардани мардумро дар миёни мардумони гуногуни олам, аз ҷумла

ҳинду, тибет, муғул, ҳабашҳо ва ғ. то ба имрӯз мушоҳида кардан мумкин аст. Шаманизм як навъи он аст. Мардумшиносон, инсоншиносон, фолклоршиносони кишварҳои гуногуни олам роҷеъ ба А. мавод гирдоварӣ намуда, онро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар миёни русҳо А. бо номи «заговоры и заклинания» хеле машҳур аст. Дар бораи А. дар осори М. С. Андреев, О. Сухарева, Н. А. Кисляков, О. Муродов, И. В. Рак ва диг. иттилоъ ба назар мерасад. А. бо боварҳо ва асотири қадим пайванди ногусастанӣ дорад. Дар замони мо низ шахсоне ҳастанд, ки ба А. ва афсунгарӣ бовар доранд.

Ад.: Муродов О., Дар пардаи сеҳру ҷоду, Д., 1990; Рак И. В., Мифы древнего и раннесредневекового Ирана, С.-Пб. – М., 1998; Русские заговоры и заклинания, М., 1998.

Р. Раҳмонӣ.


АЗОҚИРИЯ, як фирқаи дини ислом. Муассисаш Азоқир Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алии Шалмағонӣ (а. 10). Ӯ с. 933 дар Бағдод даъвои ҳулули Худо дар колбадаш кард ва худро рӯҳулқудс хонд. Бино ба таълимоти А., агар Худованд дар ҷасади носутӣ ҳулул кунад, дар он қудрату мӯъҷиза ба зуҳур мерасад ва он ҷасад ба Худо восил мешавад. Чунин ҳодиса гӯё ба ҳафт одам – Идрис, Нӯҳ, Ҳорун, Довуд, Сулаймон, Исо, Алӣ ибни Абитолиб рух дода буд ва баъди Алӣ рӯҳи илоҳӣ дар Алии Шалмағонӣ комилан ҳулул кардааст. А. Худоро исме медонад, ки ба қалби мардум ҳулул карда, чизҳои ниҳонро ба тариқи мушоҳида аён месозад. Пайравони А. – Абдуллоҳ ибни Сулаймон, Аҳмад ибни Мунаҷҷим ва диг. аз таълимоти аҳкомпарастона роҷеъ ба Худо даст кашида, таъкид кардаанд, ки мардум ба касе эҳтиёҷ пайдо кунад, вай Худои он ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар фард ба мақомулваҳият расида метавонад. А. Ҳасану Ҳусайнро ба Алӣ ибни Абитолиб мансуб намедонад. Малоика, бино ба таълимоти пайравони А., касоне мебошанд, ки зимоми нафси худро дар даст доранд ва ҳакро мешиносанд. Шахсоне, ки пайрави А. мебошанд, ба биҳишт ва онҳое, ки А.-ро қоил нестанд, ба дӯзах мераванд. А. тарки намозу рӯза ва ғуслро раво медонад. Нуқтаи муҳимтарини таълимоти А. эътиқод ба мавҷудияти зидҳост. Ба ақидаи Шалмағонӣ Худо зидро барои он халқ кардааст, ки ба воситаи он мухолифашро дарқ кунад. Аз ин рӯ, пайравони А. мақоми зидро аз мақоми авлиё бартар медонанд. Онҳо ба оли Абитолиб ва банӣ Аббос нафрат доштанд ва ҳалокати онҳоро воҷиб мешумориданд. Ҳоло А. ҳамчун фирқаи мустақил вуҷуд надорад.

И. Саидов.

АЗО́Н (ар. – эълом кардан, огоҳ намудан), дар *ф и қ ҳ* маҷмӯаи зикрҳои мушаххас, ки ба тавассути он мусулмонон аз фаро расидани вақти намоз огоҳ гардонида мешаванд. А. ва иқомат суннати муаккада (қатъӣ) буда, танҳо барои фарзи намозҳои панҷвақта ва ҷумъа гуфта мешаванд. А. дар соли дуюми ҳиҷрӣ баъди таҳвили қибла аз Байтулмуқаддас ба сӯи *Каъба* шурӯъ гардидааст. А. ба забони арабӣ гуфта шуда, калимаҳои А. ва тартиби миёни онҳо машҳуру маъруфанд. Дар А.-и намози бомдод баъди «Ҳаййа ала-л-фалоҳ» ду бор «ас-салоту хайрун мина-н-навм» афзуда мешавад. Иқомат мисли А. аст, танҳо фарқ ин аст, ки дар иқомат баъди «Ҳаййа ала-л-фалоҳ» «Қад қомати-с-салот» ду бор гуфта мешавад. Дар А. тарассул (баъд аз ҳар таъбир таваққуф намудан то охири А.), аммо дар иқомат шитоб кардан мустаҳаб аст. Бояд ки муаззин дар вақти А. ва иқомат рӯ ба қибла бошад; рӯи худро дар ҳолати гуфтани «Ҳаййа ала-с-салот» ба ҷониби рост ва дар ҳолати гуфтани «Ҳаййа ала-л-фалоҳ» ба ҷониби чап бигардонад; ҳангоми гуфтани А. ду ангушти худро ба гӯшҳояш биниҳад. А. ва иқомат, бар хилофи хутба, бояд дар макони гуногун гуфта шаванд. Барои намози қазоӣ низ А. ва иқомат гуфтан суннат аст. Муаззин дар ҳолати гуфтани А. ва иқомат бояд бо вузӯ бошад. Пеш аз даромадани вақти намоз, ба ҷуз намози бомдод, А. гуфта намешавад. Агар пеш аз вақти намоз А. гуфта шуд, бояд он баъди расидани вақти намоз такрор карда шавад. А. ва иқомат барои мусофир низ суннат аст. Агар шахсе дар хонаи худ, ки дар шаҳр аст, намоз бигузорад, пас бояд А. ва иқомат гӯяд, лекин агар А.-ро тарк кунад, ҷоиз аст, ба ҷиҳати қавли Ибни Масъуд (раз.), ки А. дар масҷиди маҳалла кифоят мекунад. Ғайр аз намоз дар баъзе мавридҳои дигар низ А. гуфта мешавад. Мас., дар мавриди рухдод ё кори муҳиме, ки ба огоҳонидани мардум ва гирдоварии онҳо ниёз бошад. Суннати дар гӯши рости навзод А. ва дар гӯши чапи ӯ иқомат гуфтан ҳам дар миёни мусулмонон маъмул аст.

С. Маҳмадуллоев.

АЗО́НОВ Ҷаҳон (тав. 25. 1.1951, деҳаи Лоҳури ноҳ. Данғара), дорушинос, доктори илмҳои тиб (1995). Кормандиишоистаи Тоҷикистон (2002). Омӯзишгоҳи тиббии Кӯлоб (1969) ва Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДДТ) ба номи Абуалӣ ибни Синоро хатм кардааст (1979). Мудири бунгоҳи тиббии деҳаи Лоҳури ноҳ. Данғара (1969 – 73), ассистенти кафедраи таърихи тиб ва гигиенаи иҷтимоии ИДТТ, аспирант, ходими хурд ва калони илмӣ, мудири шӯъбаи патофизиология ва фармакотерапияи Ин-ти гастроэнтерологияи АИ ҶТ (1979 – 99). Аз с. 1999 саркори Ин-ти давлатии «Ғизо». А. муаллифи 3 монография, 60 мақолаи илмӣ ва зиёда аз 30 мақолаи илмию оммавӣ мебошад. Дар асоси корҳои илмии А. дар ҳамкорӣ бо з-ди дорусозии Санкт-Петербург дорухои «Геранол», «Гераноретинол», «Суғд», ки хосиятҳои талхаронӣ, зиддиилтиҳобӣ ва зидиташаннучӣ доранд, истеҳсол карда шудаанд. Раиси Кумитаи фармакологии назди Вазорати тандурустии ҶТ. Бо медали «Барои меҳнати шоён» (1979) сарфароз гаштааст.



Ос.: Лечебные свойства препаратов селена, Д., 2009; Рустаниҳои шифобахш ва ғизой, Д., 2010.

АЗОПАЙВАСТҲО́, пайвастҳои органикие, ки молекулаашон азогурӯҳи – N = N – дошта, ба ду радикали карбогидрид – R ва R^1 алоқаманданд. Ҳамаи А. рангноканд. А.-и одитарин азобензол аст. А.-ро бо чанд роҳ ҳосил кардан мумкин аст:

1. Бо роҳи барқарор намудани нитропайвастҳо дар муҳити ишқорӣ. Ба сифати барқарорсозанда оҳан ё хокаи руҳ ва ишқор, амалгамаи натрий ва спирти серобкарда ё маҳлули обии оксиди қалъагӣ (II)-ро истифода мебаранд:

$$2RNO_2 + 4H_2 \rightarrow RH = NR + 4H_2O.$$

2. Дарнатиҷаи ҷӯшониданимиқдори эквиомолекулавии аминҳои якумини ароматӣ бо нитрозопайвастҳо дар кислотаи атсетати яхин:

$$RNO + H_2NR \rightarrow RN = NR + H_2O.$$

3. Усули муҳим ва ягонаи саноатии ҳосил кардани А. (с. 1858 олими немис П. Грисс кашф кардааст), ки ба ҳампайвастии намакҳои диазоний ва

$$C_6H_5N_2C1 + H_2NC_6H_5 \rightarrow$$
$$\rightarrow C_6H_5N = NC_6H_5 + HCl.$$

аминҳои якумин, дуюмин, сеюмин, фенолҳо ва эфири фенолҳо асос ёфтаанд, чунин мебошад:

А. моддаҳои органикии муҳим буда, барои истеҳсоли азорангҳо истифода мешаванд.

АЗО́Р (Ilhas dos Acores – ҷазираҳои бошагон), галаҷазира дар қисми марказии Уқёнуси Атлантик, дар самти ғарбии нимҷаз. Пиреней. Аз с. 1976 ноҳ. мухтори Португалия (дар мақоми мухторияти дохилӣ). Аз 9 ҷазираи кӯҳии вулқонӣ (калонтаринаш Сан-Мигел) ва якчанд харсангҳои азими зериобӣ (риф) иборат аст. Масоҳ. 2,3 ҳаз. км^2. Ҷойи баландтаринашон то 2351 м мерасад (вулқони амалкунандаи Пику дар ҷаз. ҳамном). Пайдоиши ҷазираҳо вулқонӣ, релйефашон кӯҳӣ, серзилзила, чашмаҳои маъдании гарм доранд. Иқлими А. субтропикии укёнусӣ. Ҳарор. миёнаи январ +14°С, июл +22°С. Боришоти солона – 700 – 800 мм. Дар нишебии кӯҳҳо ҷангалҳои ҳамешасабзи дарахтони ғор, арча, кастона мавҷуданд. А.-ро с. 1427 баҳрнавардони португалӣ кашф кардаанд. Аҳолии умумӣ 243,88 ҳаз. нафар (2004). Маркази маъмурӣ – Понта-Делгада (дар ҷаз. Сан-Мигел, аҳолиаш 20,2 ҳаз. нафар); шаҳр ва бандарҳои асосиаш – Анграду-Эроишму, Понта-Делгада, Орба. Аҳолӣ бо парвариши растаниҳои ситрусӣ, муз, ток ва моҳидорӣ машғул аст. А. пойгоҳҳои сайрхатҳои баҳрию ҳавоии трансатлантикӣ дорад. Туризми байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. Маркази таърихӣ – ш. Анграду-Эроишму (ҷаз. Терсейра) ба Феҳристи Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО (қалъаҳои а-ҳои 16 – 17, калисоҳо ва қасрҳои а-ҳои 17 – 18) ворид шудааст. Аз с. 1980 ҷаз. Санта-Марияи А. минтақаи озоди иқтисодӣ аст.

АЗОТ, ниг. *Нитроген.*

АЗОТ, Озот (azat)**,** шакли ҷамъаш «azatan» («озотон»), истилоҳи форсии куҳан ба маънии «озод». Ин истилоҳ бештар дар манобеи хаттии даврони ҳахоманишӣ, ашконӣ ва сосонӣ вомехӯрад. Дар замони ҳахоманишиҳо гурӯҳи бостонии «размиён» – «арташтаран» (авестоӣ – «расаиштар») ҷои худро ба гурӯҳи ашрофи тоза ба номи «озотон» дод. Дар асноди юнонӣ, ки дар Эрони бостон ба даст омадааст, намояндагони ин гурӯҳ дар пайвастагӣ бо вожаи ҳамовои «озот», яъне «озод» хонда мешавад. Озотон дар саворанизоми собит хидмат мекарданд ва соҳиби қитъаи заминҳое бо моликияти машрут буданд. Дар истилоҳоти ҳуқуқии ашконӣ ва паҳлавӣ вожаи «озот», ки комилан баробар ба лотинии agnatus аст, маънии «шахсе ё аҳлияти комилҳуқуқи ҷомеа»-ро пайдо кардааст. Дар асноди таърихӣ ва қавонини идорӣ-умумии қабл аз замони истилои араб вожаи «озот» ба маънии «узвияти як гурӯҳи хунии ашроф», яъне намояндаи гурӯҳи ашроф» ё «наҷибзода» ба кор меравад. Ин истилоҳ ба ҳамин маънӣ дар ҷомеаи Суғди он рӯзгор низ ба кор бурда шудааст. *Л. Бойматов.*

АЗОТАНДӮЗҲО, азотфиксаторҳо, навъе аз микроорганизмҳо. А. нитрогени ҳаворо аз худ карда, пайвастҳои мураккаби нитрогении барои ғизои растанӣ мувофиқро ҳосил менамоянд. Нитроген аз ҷумлаи элементҳои муҳими ғизои растанӣ ва омили ҳосилхезии хок мебошад. Захираи нитрогени барои растанӣ дастрас чандон зиёд нест. Бинобар ин истифодаи оқилонаи замин на фақат боиси кам нашудан, балки сабаби афзудани миқдори нитрогени он низ мегардад. Соли 1866 олими рус М. С. Воронин дар решаи растаниҳои ғилофакдор як навъ бактерияҳоро мушоҳида намуда, ба хулосае омад, ки маҳз ҳамин бактерияҳо сабаби пайдоиши лӯндаҳои реша мебошанд. Дар ҳар га замини кишти растаниҳои ғилофакдор соле зиёда аз 100 – 250 кг нитрогени ҳаво аз худ мешавад (аз ин миқдор тақр. 30% дар хок боқӣ мемонад). *Азотобактер,* баъзе *актиномисетҳо,* олигонитрофилҳо, микобактерияҳо ва ғ. аз ҷумлаи А. мебошанд. Бисёр намуди обсабзҳо, баъзе занбӯруғҳо, хамирмоя ва спирохетҳо низ қобилияти азотандӯзӣ доранд. А. баҳри гардиши нитрогени табиат, аз ҷумла барои ба растаниҳо дастрас намудани нитрогени ҳаво мусоидат менамоянд.

АЗОТОБАКТЕ́Р (Azotobacter), навъе аз бактерияҳои аэробӣ. А. ҳаёти озод дошта, нитрогени ҳаворо мегирад ва барои ҳуҷайраҳои худ сафеда ҳосил менамояд. А.-ҳоро бори нахуст с. 1901 олими немис М. Бейеринк кашф кардааст. Дар киштзорҳо фаровон мебошад. Аз А. барои ғизои растаниҳо *азотобактерин* ҳосил мекунанд. Ниг. низ *Азотандӯзҳо.*

АЗОТОБАКТЕРИ́Н, изотоген, навъе аз нуриҳои бактериявӣ. Аз азотобактерҳо иборат буда, нитрогени ҳаворо аз худ мекунад ва онро барои ғизои растанӣ мувофиқ месозад. А.-ро ғайр аз растаниҳои лӯбиёӣ барои ҳамаи диг. зироатҳо кор мефармоянд. А. хосияти лӯндабактерияҳоро доро аст. Самараи А. бахусус дар хокҳои намноки миқдори фосфор ва микроэлементашон зиёд бештар мегардад. А. дар решаи ниҳолҳо нағз инкишоф меёбад, бинобар ин аҳамияти он дар ниҳолзор ва боғҳои нав хеле калон аст. А. сабзишу инкишофи навдаҳоро 20 – 25 % афзун мегардонад. Ниг. низ *Нуриҳои бактериявӣ.*

АЗОФО́Л, як навъ моддаи химиявӣ. Барои нест кардани канаҳои растанихӯри пахта (ба ҳар га 2 кг) ва дарахтони мева (ба ҳар га 2,5 – 3 кг) мепошанд. Барои одаму ҳайвон зарнок аст.

АЗРА́Қ, ниг. *Нилуфар.*

АЗРАҚИ́И ҲИРАВӢ Шарафуззамон Абулмаҳосин Зайнуддин Абубакр Ҷаъфар ибни Исмоил (1067, Ҳирот – 1133, Кирмон), шоири форсгӯяки. Падараш Исмоили Варроқ шоир буд. Мувофиқи ривоятҳо Абулқосими Фирдавсӣ аз таъқиби Султон Маҳмуд фирор карда, дар хонаи ӯ паноҳанда шудааст. А. Ҳ. дар зодгоҳаш таҳсил карда, илмҳои мутадовили замон, инчунин улуми адабӣ – бадеъ, калом, фалсафа ва ғ-ро омӯхт. Дар синни камолот ба хидмати ҳукмронони салҷуқӣ роҳ ёфт ва дар дарбор соҳиби иззату эҳтиром буд. Бо дасисаи баъзе бадхоҳон ва шоирони ҳасуд аз дарбор ронда шуд ва ба қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ («Чаҳор мақола») бештари зиндагии минбаъдаашро дар фақру нодорӣ ба сар бурдааст. Аз А. Ҳ. девоне дар ҳудуди 2 ҳаз. байт боқӣ мондааст, ки ду нусхаи он дар Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзекистон маҳфуз аст. Дар Теҳрон муҳаққиқи маъруф Саид Нафисӣ с. 1336 ҳ. ш. (1958 м.) девони А. Ҳ.-ро ба табъ расондааст. Тазкиранигор Муҳаммад Авфӣ («Лубобул-албоб») асареро бо номи «Алфия ва Шалфия» ба А. Ҳ. нисбат додааст. Аз як пораи шеъри А. Ҳ. бармеояд, ки ӯ достони Синдбоди Ҳаким («Синдбоднома»)-ро аз рӯи тарҷумаи Абулфавориси Фанорӯзӣ ба назм дароварда ва ё дар садади ичрои ин амр будааст. Девони А. Ҳ. аксаран аз қасидаҳо иборат аст. Қасидаҳои А. Ҳ. маълумоти таърихӣ, тасвири баъзе лаҳзаҳои зиндагии шоирро дар бар мегиранд. Ташбиби қасидаҳои А. Ҳ. аз ҷиҳати рӯй овардан ба мавзӯъҳои ишқу ошиқӣ, тасвири зебоиҳои маъшуқа, андешаҳо оид ба хушгузаронии зиндагӣ, тасвири табиат, хусусан баҳор ва фарорасии ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон ва ғ. ҷолибанд. Дар қасида А. Ҳ. ба Рӯдакиву Унсурӣ пайравӣ кардааст. А. Ҳ. ба шеърҳои Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯйи Мӯлиён…», «Бихандад лола бар саҳро…» ва ғ. назираҳо гуфтааст:

Ҳамегиряд аз ӯ гардун ба сони дидаи Вомиқ,
Ҳамехандад аз ӯ саҳро ба сони чеҳраи Узро.

Дар навиштаҳои А. Ҳ. инчунин мавзӯъҳои шикоят аз замон, баёни аҳволи бади аҳли адаб, мазаммати ашхоси бадниҳод ва ғ. ба назар мерасанд.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Донишномаи Рӯдакӣ, Д., 2008. *И. Ҳидоятов.*

АЗРАҚИЯ́, азориқа, як фирқаи *хориҷия*, ки муассисаш Абурошид Нофеъ ибни Азрақ (а. 7) буд. Пайравони А. дар Басра с. 682 хуруҷ карда, ба ҷониби Аҳвоз ҳаракат намуданд. Умавиён ба муқобили онҳо борҳо лашкар кашиданд, вале шикаст хӯрданд. Ҳокими Басра Ҳорис ибни Абдуллоҳ сипаҳсолор Муҳаллаб ибни Абусуфраро бо лашкари бисёр бар зидди онҳо фиристод. Баъди муҳорибаи 12-сола азрақиён шикаст хӯрданд ва Нофеъ ибни Азрақ кушта шуд. Минбаъд ибни Моҳуз, Зубайр ибни Моҳуз ва Қутрӣ ибни Фуҷра сарварони А. буданд. Баъди қатли Фуҷра фаъолияти А. хотима ёфт. А. *Алӣ ибни Абитолиб*, Усмон ва аксари саҳобаро кофир эълон карда буд. Пайравони ин фирқа онҳоеро, ки ҷиҳодро намепазируфтанд, кофир медонистанд. Онҳо дар қавлу амал тақияро ҳаром мешумориданд. Азрақиён мушриконро дӯзахӣ ҳисобида, муртакиби гуноҳи кабираро низ кофир мепиндоштанд. Тибқи таълимоти А. Худо метавонад пайғамбареро фиристад, ки баъди нубувват ё пеш аз рисолаташ кофир бошад. Онҳо баробарии ҳамаи аъзоёшонро дархост намуда, хуруҷу муборизаи зидди салотину золимонро зарур мешумориданд. Азрақиён буридани дасту пои дуздонро ҷоиз медонистанд. Онҳо пайравонашонро дар амал месанҷиданд. Яке аз роҳҳои санҷиш ин буд, ки асиреро аз мухолифонашон назди пайравашон оварда, ба қатли он фармон медоданд. Агар ӯ фармонро ичро кунад, пайрави А. ҳисоб мешуд, дар акси ҳол худаш ҳамчун мушрику мунофиқ ба қатл мерасид. Шаҳристонӣ 8 навъи ақидаҳои бидъатонаи мазкури А.-ро оварда мегӯяд, ки аксари онҳо ба такфиру таҳқири мусулмонони ғайри А. нигаронида шудаанд. Ҳоло А. чун фирқаи мустақили исломӣ фаъолият надорад, баъзе нуқтаҳои таълимоташ дар таълимоти *хориҷия* мушоҳида мешаванд. *Б. Исматов, К. Бекзода.*

АЗУДУДДАВЛА́ Фанохусрав ибни Рукнуддавла Ҳасан ибни Абушуҷоъ Буя (936 – 982), аз машҳуртарин амирони Оли Бӯя. Писари Рукнуддавла Абуалӣ Ҳасан. Аз 13-солагӣ дар Шероз ба тахти Оли Бӯя нишаст ва бо кӯмаки падар ва амакаш Муиззуддавла алайҳи мухолифони худ мубориза бурд. Соли 963 аз тарафи халифаи Бағдод Ал-Мутеъ лақаби «Азудуддавла» гирифт. Соли 971 амири Систон хутба ба номи А. хонд ва ҳамон сол шӯриши балучҳоро дар Кирмон пахш кард. А. с. 972 бо Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ сулҳ баст. Соли 974 ба Ироқ рафта туркҳоро саркӯб намуд ва ба ҷои амакаш Бахтиёр бар ҳукумати Бағдод нишаст, вале бар асари фишори падараш дубора канор гирифт ва ба Шероз баргашт. Аммо пас аз марги падараш амаки худ Бахтиёрро кушт, с. 977 Мавсилро забт кард ва сипас мулуки атроф (Диёрбакр, Билоди Ҷабал, Ҳамадон ва ғ.)-ро ба тасарруфи худ даровард. Андаке нагузашта Гургонро ҳам забт кард (980). Пас аз ин воқеа дар бораи А. иттилооти кофӣ дар даст нест. Дар замони ҳукумати ӯ ҳудуди давлати Бувайҳиён аз канораи д. Хазар то соҳили Уммон расид. А. нахустин амире буд, ки баъд аз ислом лақаби «шоҳаншоҳ»-ро ба худ гирифт. Дар замони ӯ корҳои давлатӣ ва девонсолории Оли Бӯя муназзам гардиданд ва ҳаёти иқтисодию тиҷорат равнақ гирифтанд, амнияти роҳҳои тиҷоратӣ таъмин гардид. А. дар ободонии ш-ҳои Бағдод, Ҳамадон, Аҳвоз, Шероз ва навоҳии диг. таваҷҷӯҳи хос медод, ба шеъру адаб, илму ҳунар алоқаи хос дошта, донишмандонро эҳтиром мекард. Бо вуҷуди ин муаррихин шахсияти ӯро ба унвони амири бераҳм ва худком тавсиф кардаанд.

Л. Бойматов.

АЗУЛА́М, азулокс, $C_8H_{10}N_2O_4S$, як навъ моддаи химиявӣ. Кристаллҳои сафед ҳосил мекунад. А.-ро дар шакли маҳлули намаки натрий истеҳсол менамоянд. Барои нобуд кардани алафҳои бегона пешбинӣ шудааст. Онро ба себаргазор ба ҳар га 4 – 5 кг мепошанд, вале ин миқдори А. барои киштзори баъзе дупаллагиҳо ва хӯшаиҳо хавфнок аст. А.-ро ба киштзори зағир, испанох ва юнучқа низ пошидан мумкин аст. Хусусан ғумой (ҳангоми дубарга буданаш) ва диг. алафҳои бегонаро зуд нест мекунад. Барои занбӯри асал ва диг. ҳашароти фоиданок чандон зарар надорад.

АЗУРИ́Т (франс. lazur – лазур, форсӣ-дарӣ – лоҷувард), минералест аз гурӯҳи карбонатҳо. Формулаи химиявиаш $Ca_3[CO_3]_2(OH)_3$. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ. Кристаллҳояш, одатан, кӯтоҳи призмашакл буда, бештар дар шакли хока вомехӯрад. Рангаш нилобӣ, ҷилояш шишагун. Сахтиаш 3,5 – 4; зичиаш 3770 – 3890 кг/м^3. Дар минтақаи оксидшавии конҳои мис аз ҳисоби халкоперит, борнит ва диг. минералҳои мисдор пайдо мешавад. А. маъдани муҳими мис буда, дар таркибаш 55,3% мис дорад. Аз А. ранги нилобӣ низ тайёр мекунанд.

АЗХУДКУНИ́И ДОНИ́Ш, фаъолияти дарккуние, ки барои аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо мусоидат менамояд. Раванди А. д. майли равонӣ (психологӣ) дошта, ҳангоми фаъолияти таълимӣ ва амалии хонандагон дар шуури онҳо ҳамчун инъикоси таъсири педагогӣ зоҳир мегардад ва ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии онҳо мадад мерасонад. Дар натиҷаи дуруст ва оқилона ташкил кардани раванди А. д. хонандагон системаи донишҳоро пурра аз худ мекунанд, равобити реалӣ, вобастагии байни ашё ва воқеияти ҳодисотро инъикос намуда, ба воқеӣ будани олам сарфаҳм мераванд. *Ғ. Нуриддинов.*

АЗҲА́Р Ғуломалӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форсизабони Ҳиндустон (а. 18). Аз ҷумлаи шогирдон ва муридони Мир Шамсуддин мутахаллис ба «Фақир». Тибқи маълумоти тазкираи «Нештари ишқ» ӯ аз ҷумлаи «нозукхаёлону хуштабъони Деҳлӣ буда», ба шеъру шоирӣ дилбастагии зиёд дошт. А. бештари ҳаёташро дар ш. Деҳлӣ гузаронида, муддате дар ш-ҳои Азимобод ва Муршидобод низ зиндагӣ кардааст. Намунае аз ашъори ӯ:

Намонд тоқати парвози сайри бӯстонам,
Ситамгарон пару боли маро чаро бастанд?
Ба ранги тавбаи фасли баҳор сангдилон
Ҳазор аҳд ба ман бастаанду бишкастанд.

***

Хоҳам шабе ба бар кашам он сарви нозро,
Кӯтаҳ кунам фасонаи умри дарозро.

Ад.: Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, кит. 1, Д., 1981. *А. Алимардонов.*

АЗҲА́Р мутахаллис ба «Мираҳмад» (1791, Пешовар – ваф. тақр. с. 1852, Ёрканди Чин), шоири тоҷик. Маълумоти ибтидоӣ ва асосҳои донишро дар зодгоҳаш гирифта, барои идомаи таҳсил ба Бухоро рафтааст. А. пас аз хатми таҳсили мадраса ш-ҳои Тошканд, Балх, Ёрканд, Ҳиндустону Хутан ва баъзе мавзеъҳои дигарро саёҳат карда, с. 1819 ба Бадахшон меояд. Бо даъвати ҳокими Бадахшон Султоншоҳ (ҳукмр. 1756 – 1770) ва дархости мардум дар Ҷирм (Бадахшони Афғонистон) ном мавзеъ суку-

нат ихтиёр карда, ба тадрис машғул шудааст. Лаҳзаҳои охири умри А. дар Туркистони Шарқӣ гузаштааст.

А. шоири боистеъдод ва сермаҳсул буда, осори бисёре аз худ ба мерос гузоштааст. Ин ғазал намунае аз ашъори ӯст:

Донӣ, ки лоларо зи чӣ хун гашт ҷоми ӯ,
Аз умри нимрӯз бувад талх коми ӯ.
Номи накӯ натиҷаи умри абад диҳад,
Ҳаргиз намирад он ки намурдаст номи ӯ.
Сайёди мо, ки донаи холаш тиҳӣ мабод,
Мурғе наёмад он ки нашуд сайди доми ӯ.
Ҳарчанд ҷои лаъл бувад тоҷи хусравон,
Хун гашта аз фироқи Бадахшон тамоми ӯ.
Азҳар, касе, ки нашъаи субҳи висол ёфт,
Бошад чу ҷоми бода шафақ масти ҷоми ӯ.

Ад.: Ҳ а б и б о в А., Ганҷи Бадахшон, Д., 1972; Маҷмӯаи «Афғонистон», Кобул., 1955.

А. Алимардонов.

АЗҲА́РИ ТАБРЕЗӢ (1422/23, Табрез – 1502/03, Байтулмуқаддас), хаттот ва хушнависи форс-тоҷик. Шогирди *Ҷаъфарии Табрезӣ*. Хатшиносони гузашта А. Т.-ро сеюмин устоди хати настаълиқ (баъд аз Миралӣ ва Ҷаъфари Табрезӣ) донистаанд. А. Т. инчунин хати сулсро ба дараҷаи олӣ расонда, устоди усули шашгона (ситта) гардидааст. Машҳуртарин намунаҳои осори хаттотии А. Т. инҳоянд: шаш дафтари «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ (Китобхонаи давлатии Теҳрон), «Муқаттаот»-и Ибни Ямин (Музейи осори исломӣ, Истанбул), «Хамса»-и Хусрави Деҳлавӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ (Китобхонаи Донишгоҳи Панҷоб, Лоҳур), «Хусрав ва Ширин» (Китобхонаи Ҷон Райландз, ш. Манчестери Англия) ва «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ (Музейи санъати Нию-Ёрк).

АЗҲАРӢ Абумансур Муҳаммад ибни Нӯҳи Ҳиравӣ (895, Ҳирот – 980), адиб ва забоншиноси эронинажоди арабзабон. Ба забони арабӣ эҷод кардааст. Аввал дар зодгоҳаш, сипас дар Бағдод таҳсил кардааст. Мувофиқи маълумоти Ёқути Ҳамавӣ («*Мӯъҷамул-удабо*») А. соҳиби 70 асари илмию адабӣ, аз қабили «ал-Адавот» («Асбобу олот»), «ат-Таҳзиб фи-л-луға» («Грамматика»), «Маони шавоҳиди ғариб-ал-ҳадиси» («Маъниҳои калимаҳои номаълум дар ҳадис»), «Тафсир ислоҳ-ал-мантиқ» («Тафсири мантиқ»), «Тафсир шеър Абитаммом» («Шарҳи девони Абутаммом») ва ғ. будааст.

АИЛ, ниг. *Багалбанд.*

АЙ-ПИ́ ТЕЛЕФОНИ́Я, IP (Internet Protocol)-т е л е ф о н и я, технологияест барои истифода намудани *Интернет* ё диг. шабакаи IP ба сифати воситаи ташкили гуфтугӯи телефонии байналхалқиву байнишаҳрӣ ва ирсоли факс дар реҷаи вақти ҳақиқӣ. А. аз маҷмӯи қарор ва чорабиниҳои иборат аст, ки унсурҳои анъанавии шабакаҳои телефониро ба истифодаи протоколи IP чун канали асосии интиқоли овоз иваз мекунад. Бештар ду навъи А. вомехӯрад: VoIP (Voice over Internet Protocol – садо ба воситаи интернет протокол) ва интернет-телефония. Ҳар дуи ин истилоҳ муродифи А. мебошанд. Соли 2000 дар семинари Иттиҳоди байналмилалии алоқаи электрикӣ (Женева) оид ба А. ба қароре омаданд, ки А. мафҳуми умумӣ буда, VoIP ва интернет-телефонияро дар бар мегирад. А. барои телефони муқаррарӣ рақиби асосӣ мебошад ва дар ҳолати бо чунин суръат маъмул гардидани он, аҳолӣ бештар ба ин намуди алоқа мегузарад. Назарияи интиқоли садо ба воситаи шабака бо ёрии компютер бори аввал с. 1993 дар Донишгоҳи штати Иллинойси ШМА ба вуҷуд омад. Апр. 1994 ҳангоми дар кайҳон парвоз кардани киштии амрикоии «Индивор» ба Раёсати миллии ШМА оид ба аэронавтика ва таҳқиқоти фазои кайҳонӣ (NASA) муяссар шуд, ки тасвири аппарати кайҳонӣ ва овози астронавтонро, ки ҳазорҳо км дур буданд, бо ин технология қабул кунад. Февр. 1995 ширкати «ВокалТек» барномаи «Интернет Фон»-ро барои компютер пешниҳод кард, ки тибқи он гуфтугӯи мустақим имкон дошт. Ин система нимдуплексӣ буд, яъне дар як вақт ё ҳарф задан ё шунидан мумкин аст. Майи 1996 нахустин сервери махсусгардонидашуда барои А. бо Интернет сохта шуд, ки он алоқаи дуплексӣ буд (дар як вақт ҳам гап задан ва ҳам шунидан мумкин аст). А. бо ду усули асосӣ амалӣ мешавад. Тибқи усули якум компютер бо тамоми таҷҳизоту барномаҳояш истифода мегардад, ки барои ба рақам табдил додан, ихчам кардан, ба пакетҳо табдил додан, интиқол, барқарор намудану шунавонидани аудиосигналҳо имкон медиҳад. Барои гуфтугӯ гӯшакҳо ва микрофон истифода мешаванд. Барои барқарор кардани алоқа бошад, танҳо донистани IP нишонии компютери абонент кифоя аст. Дар усули дуюм телефонияи одӣ истифода мешавад. Садо аз шабакаи телефон ба шлюзи телефонӣ ворид шуда, бо картаи махсус ба рамзҳо табдил дода мешавад. Шлюз бо ёрии гурӯҳи протоколҳо маълумоти табдилёфтаро ба шлюзи IP-шабакаи қабулкунанда мефиристад. Сипас ин маълумоти ба пакетҳо тақсим кардашуда бо ёрии протоколҳо ба таҷҳизоти абоненти дигар фиристода ва он ҷо ба садо табдил дода мешавад. Айнан чунин ҳолат дар диг. самт низ ба амал меояд. Дар айни замон А. якчанд протоколҳои стандартонидашударо истифода менамояд. Бештар протоколҳои H.323 ва SIP (Session Initiation Protocol – протоколи сессияи инисиализатсияшуда) маъмуланд. Мутахассисон бар онанд, ки хусусан протоколи SIP дар оянда протоколи асосии тамоми IP-шабакаҳо хоҳад буд. Ба сифати А. асосан се омил таъсир мерасонад. Якум – таваққуфи садо. Вақти таваққуф кам ё зиёд мешавад. Чунин таваққуф ҳамсӯҳбатро нороҳат мекунад. Дуюм – ларзиши садо. Дар ин ҳолат калимаҳо ва баъзан ҳарфҳо ҳангоми гуфтугӯ ҷой иваз мекунанд. Сеюм – гум шудани калимаҳо ё ҳарфҳо. Бо вуҷуди ин камбудиҳо А. нисбати диг. намудҳои алоқа арзонтар аст. Афзалиятҳои А.: якум, алоқа қариб, ки бепул аст; дар ҳолати истифода намудани алоқаи компютерии скайп (skype) фақат маблағи истифодаи Интернетро пардохтан кофист; дуюм, муаммои банд будани шабакаро аз миён мебардорад; сеюм, сифати алоқаи факсӣ (интиқоли маълумот бо факс) беҳтар мегардад; чорум, ширкатҳои бузург метавонанд дар шабакаи ягонаи маълумот муттаҳид гарданд. Чунин муттаҳидшавӣ ба сарфа кардани маблағҳо барои алоқа мусоидат мекунад. А. технологияи муфид, арзон ва зарурӣ мебошад. А. феълан дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон хеле маъмул гаштааст.

М. Холов.

АЙБДОРКУНАНДА́И ДАВЛАТӢ, шахсе, ки дар суд ҳангоми баррасии корҳои ҷиноятӣ *айбнома*ро аз номи давлат дастгирӣ менамояд. Дар ҶТ прокурор дар суд ҳамчун А. д. амал мекунад. Дар суд ба ҳайси А. д. иштирок доштани прокурор яке аз вазифаҳои назоратии прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад. Прокурор муттасил назорат мекунад, ки талаботи қонун дар мурофиаи судӣ ва маҷлиси судӣ риоя карда шавад ва тамоми рафти таҳқиқу тафтиш таҳти назорати ӯ қарор мегирад. Прокурор дар ниҳояти таҳқиқу тафтиш ва дар муҳокимаи судӣ оид ба то чӣ андоза хатарнок будани ҷиноияти содиршуда, дар бораи шахсияти ҷиноятқор, тасниф кирдор, дақиқияти гуноҳи эълоншуда ва андозаи исботи он, зарурати таъйини ҷазо ва навъи он, реҷаи нигоҳдорӣ дар

ҷойҳои ислоҳоти меҳнатӣ ба суд маълумот пешкаш менамояд.

АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ, шакли махсуси таъқиби ҷиноятӣ, ки бо ташаббуси ҷабрдида оғоз карда мешавад. Вежагии А. х. он аст, ки ҷабрдида дар як вақт ҳамчун айбдоркунанда низ зуҳур мекунад. Қонуни мурофиавӣ имконият фароҳам меоварад, ки парвандаи ҷиноятии бо хоҳиши ҷабрдида оғозгардида бо сабаби оштӣ шудани тарафайн қатъ карда шавад. Агар парвандаи бо шикояти ҷабрдида оғозгардида аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошад, прокурор метавонад дар мурофиаи судӣ ба сифати *айбдоркунандаи давлатӣ* ширкат намояд. Дар ҷунин маврид парвандаи ҷиноятӣ дар асоси қоидаҳои умумӣ баррасӣ карда мешавад.

АЙБДОРКУНӢ, фаъолияти мурофиавии мақомоти давлатӣ ё шахсони қонунан ваколатдор ба мақсади исботи ҷинояти *айбдоршаванда* дар назди суд. Аслан се навъи А. мавҷуд аст: А.-и давлатӣ, А.-и хусусӣ ва А.-и ҷамъиятӣ, ки аз тарафи худи онҳо амалӣ мешаванд.

АЙБДОРШАВАНДА́, шахсе, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҳайси айбдор ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Шахс аз лаҳзае, ки барои ҷавобгар буданаш қарор содир шудааст, А. ҳисоб меёбад. Дар ин қарор моҳияти гуноҳ, вақт, маҳал ва диг. ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, инчунин қонуни дахлдори ҷиноят зикр мегардад. Қонунҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба мақомоти таҳқиқу тафтишот, прокуратура ваколат додааст, ки ҳар як ҷинояти содиршударо ошкор кунад, далелҳои шайъиро ҷамъ намуда, шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашад, чораҳои пешгирӣ татбиқ намояд, амалиёти тафтишотӣ гузаронда, ҷиноятҳоро исбот намояд. Ҳамчунин қонун муфаттиш ва шахси таҳқиқкунандаро вазифадор менамояд, ки ҳуқуқҳои А.-ро, ки дар моддаи 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, таъмин намояд. А. иштирокчии мурофиа мебошад. Ӯ ҳақ дорад барои ҳуқуқи худ талош кунад. А. баъди ба итмом расидани тафтишоти пешакӣ ҳуқуқи ба ҳамаи маводи парванда шинос шуданро дорад.

АЙБНОМА́, ҳуҷҷати мурофиавие, ки аз тарафи муфаттиш дар сурати кифоят будани далелҳои тартиб додашуда айбдории шахсро дар содир намудани ҷиноят аз нуқтаи назари муфаттиш тасдиқ менамояд. А. аз ду қисм – баёнӣ ва хулосавӣ иборат аст. Дар қисми баёнӣ моҳияти кор: маҳал – ҷой ва вақти содир шудани ҷиноят, тарз ва мақсади содир кардани ҷиноят, оқибат ва диг. ҷиҳатҳои ҷиддии он; маълумоти пурра оид ба шахси ҷабрдида; далелҳое, ки мавҷудияти ҷиноят ва гуноҳи айбдоршавандаро тасдиқ мекунанд; ҳолатҳое, ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё вазнинтар мегардонанд; далелҳое, ки айбдоршаванда барои ҳимояи худаш меоварад ва натиҷаҳои тафтиши ин далелҳо зикр карда мешаванд. Дар қисми хулосавӣ маълумот оид ба шахсияти айбдоршаванда, моҳияти айбдоркунӣ, модда ва ё моддаҳои қонуни ҷиноятие, ки ҳамин ҷиноятро пешбинӣ мекунанд, нишон дода мешаванд. А.-ро муфаттиш имзо карда, ҷой ва вақти тартиб додани онро зикр мекунад. Дар А. рӯйхати шахсоне, ки ба маҷлиси суд даъват шудаанд, маълумотномаҳо оид ба мӯҳлати тафтиш, чораҳои пешгирӣ бо нишон додани вақти дар ҳабс нигоҳ доштан, оид ба далелҳои шайъӣ, даъвои граждани ва амсоли инҳо илова карда мешаванд.


Айвони Мақбараи Хоҷа Абдуи Дарун (Самарқанд).

АЙВА́Ҷ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҷӯра Назарови ноҳ. Шаҳритуз. Аз А. то маркази ноҳия 45 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 5536 нафар (2009), тоҷикон. А. 3 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона ва 6 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд. Ёдгории таърихии *Тилло Ҳаллоҷӣ* дар ҳудуди А. воқеъ аст.

АЙВО́Н, 1) дар санъати меъмории қадим толори ташрифотӣ ва меҳмонпазироӣ; 2) ҷузъи меъмории биноҳои мӯҳташам ва истиқоматӣ, вобаста ба иқлим ва шароити зиндагии мардуми Шарқ аксар дар пештоқи бино сохта шуда, ҳамчун нишастгоҳи барҳавои тобистона истифода мегардид. Баъзан дар биноҳои маъмурию ҷамъиятӣ низ чун қисми ороиши *ансамбли меъморӣ* сохта мешуд. Нахустин масҷиди Қубо, ки дар наздикии Мадина (ибт. а. 7) дар замони Муҳаммад бунёд шудааст, бинои чоркунҷаи А.-дор буд. Минбаъд дар масҷиду мадрасаҳо А.-ҳои мунаққашу музайяни барҳавои гуногуншакл ҷузъи умдаи санъати меъморӣ гардиданд. А.-и мадрасаҳои Кӯкалтош (а. 16, Тошканд), Говкушон (а. 16, Бухоро), Абдулазизхон (а. 17, Бухоро), Мадрасаи Кӯҳна (а. 18 ва авв. а. 19, Ҳисор), Миролим Додхоҳ (а. 18, Панҷакент), Мадрасаи Нав (а. 19, Ҳисор) ва масҷидҳои Абдуллоҳхон (а. 16, Исфара), Мавлоно Яъқуби Чархӣ (а. 16, ноҳ. Рӯдакӣ), Бибихоним (1399 – 1404, Самарқанд), Болоҳавз (а-ҳои 17 – 20, Бухоро), Навгилем (а. 16, Исфара), Шоҳи Хомӯш (а. 16, Кӯлоб), Халифа Худойдод (а. 16, Бухоро) ва ғ. аз намунаҳои беҳтарину ҷолибтаринанд. А. дар меъмории биноҳои маъмурӣ ва масҷиду мадрасаҳои Исфаҳон, Самарқанд, Бухоро, Шероз, Ҳирот, Балх, Боку ва ғ. маъмул буд. А. намудҳои гуногун дорад, ки меъмор вобаста ба банду басти бино онро танзим мекард, вале аксар як ё ду ва баъзан се тарафаш кушода мешавад ва болояш пӯшида аст. Одатан сақфу сутунҳо ва *бошаи* А. мунаққашу кандакорист. Сақфи А. аксар муқарнасӣ мешавад. Дар меъмории халқӣ, ки аз хонаҳои истиқоматӣ иборат аст, А. ҷузъи ҳатмии ансамбли меъморӣ ба ҳисоб меравад. Онро дар баъзе ноҳияҳои кӯҳистон *долон* ва мардуми Бадахшон *даҳлез*, пешвоз, яъне пешкушода, низ мегӯянд. Вобаста ба иқлиму тарзи зиндагӣ меъморони муосир дар сохтмони хонаҳои истиқоматии бисёрқабата аз ҷузъиёти А.-ҳои маъмулӣ истифода намуда, шакли онро тағйир додаанд ва мутобиқи ансамбли умумии биноҳои микрорайонҳо сохтаанд; 3) дар меъмории мардуми Эрон намоҳои умқии пайконии пештоқҳо (биноҳои мӯҳташам)-ро низ А. мегӯянд.

Ад.: Андреев М. С., Таджики долины Хуф, Сталинабад, 1958; Вейнмарн Б. В., Исткусство Средней Азии, М.–Л., 1970. *Б. Раҳматов.*

АЙҒЎР, ниг. *Нарён.*

АЙДАРЕ́Д, навъе аз себ. Бори аввал Л. Вернер дар штати Айдаҳои ШМА бо роҳи дурагакунии навъҳои Ҷонатан ва Вагнер рӯёндааст. Дарахташ зудсабзи миёнақад, шохаҳояш

паҳну парешон. Меваash миёнаҳачм (вазнаш 140 – 160 г), пӯсташ нафиси ҳамвор, рангаш сабзча, баъди пухтан зардтоб мешавад; мағзаш сафед, сероб, таъмаш туршча, хушбӯй. Аз ҳар га боғоти он 180 – 230 сентнер ҳосил гирифтан мумкин. Барои хуб гардолуд шудан онро бо навъҳои Банани зимистона, Ренет Симиренко, Голден Делишес, Ред Делишес якҷоя мешинонанд. Парвариши А. дар Тоҷикистон чун навъи ояндадор тавсия шудааст. Дар қитъаи таҷрибавии Ин-ти боғдорӣ ва сабзавоткорӣ ниҳоли аз тухмӣ рӯидааш дар 6 – 7-солагӣ, дар пайвандтакҳои реза бошад, дар 3 – 5-солагӣ ҳосил додааст. Дар шароити иқлими Тоҷикистон мевааш даҳаи дуюм ва сеюми сент. мепазад. Мева-



Айдаред.

ашро тару тоза мехӯранд, барои баҷойҳои дур кашондан мувофиқ аст (онро 3 – 4 моҳ нигоҳ доштан мумкин). Ба касалии гарда ва тосак нисбатан тобовар мебошад.

Ад.: Сорта плодовых культур, Кишинёв, 1985. *Р. Юнусов, М. Табарова.*

АЙЗИКО́ВИЧ Григорий Юрйевич (7. 11. 1917, ш. Свердловск – 15. 8. 1986, Душанбе), меъмор, Меъмори хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1977). Хатмкардаи фак-ти меъморию сохтмони Ин-ти политехникии ш. Тошканд (1948). Дар муассисаҳои лоиҳакашии Тошканд (1948 – 51) ва Ленинград (1951 – 56) кор кардааст. Солҳои 1956 – 68 сармеъмори лоиҳаҳо ва мудири шӯъбаи лоиҳакашии таҷрибавӣ, 1968 – 78 сармеъмор ва сармутахассиси Ин-ти лоиҳакашии «Тоҷикгипрострой» буд. Дар фак-ти меъмории Ин-ти политехникии Тоҷикистон дарс додааст (1962 – 78). А. дар равнақи санъати меъмории муосири тоҷик саҳми босазо гузоштааст. Лоиҳаи чандин бинои маъмурию маданӣ ва истиқоматии ш. Душанбе ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Меҳмонхонаи «Пойтахт» (1963 – 65), бинои нави ДДОТ (1975), «Хонаи дӯстии Халқҳо» (1975) аз ҷумлаи онҳоанд. Дар тарбияи меъморони ҷавони тоҷик хидмати арзанда намудааст. Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ», «Ситораи Сурх», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сазовор гардидааст.

АЙЛОДАРА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Сари Осиёби ноҳ. Ховалинг. Аз А. то маркази ноҳия 14 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 247 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз оби сой ва чашма обёрӣ мешаванд.

АЙЛО́Қ, е й л о қ, а й л о х, ҳ а й л о х, ё й л о ғ, ё й л о қ, я й л о ғ, я й л о қ, мавзеъҳое, ки ба он ҷо баҳору тобистон чорводорон барои чарондани мол кӯчида мераванд.Ниг. низ *Чарогоҳ*.

АЙМО́Қ, 1) номи авлод, қабила ва гоҳо халқ дар забонҳои туркӣ, муғулӣ ва қисман тунгусу манҷурӣ. Дар даврои феодалӣ мулки калон, вилоят, баъзан хонӣ (дар муғулҳо); 2) номи маҳаллии воҳиди маъмурӣ – ноҳияҳо дар Бурятия ва Олтойи Кӯҳии Федератсияи Россия; 3) дар Муғулистон воҳиди асосии маъмурию территориявӣ. Мақоми олии ҳокимияти А. маҷлиси (хурал) депутатҳои халқист.

АЙН (ع), номи ҳарфи ҳаждаҳуми алифбои арабӣ ва бисту якуми алифбои форсии тоҷикии арабӣ. А. аз ҳарфи айни алифбои финикӣ, ки маънои «чашм»-ро дошт ба воситаи хати оромӣ омадааст, лекин баромади аслии он аз хати мисрии қадим аст. Овозе, ки ин ҳарф ифода мекунад (ҳамсадои таркандаи чуқури ҳалқӣ) дар забони тоҷикӣ нест, лекин ин ҳарф дар алифбои арабии форсии тоҷикӣ ҳаст ва дар калимаҳои иқтибосӣ аз забони арабӣ навишта мешавад. А. ҳарфи муттасила аст, бо ҳарфҳои муттасила якҷоя навишта мешавад: معنى (маънӣ), бо ҳарфҳои мунфасила ду тарзи навишт дорад: агар пас аз ҳарфи мунфасила ояд аз он ҷудо, пеш аз он ояд, якҷоя навишта мешавад: مدعى (муддаӣ). Ҳарфи А. ба савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ гашта, дар аввали калима садонокҳои «а» – عمل (амал), عباس (Аббос), «и» – علم (илм), عشق (ишқ), «у» – عذر (узр), عبيد (убайд), «ӯ» – عهده (ӯҳда)-ро ифода мекунад. Дар мобайн معلوم (маълум) ва охири калима بديع (бадеъ) ояд, калима сактадор хонда мешавад. Пас аз А. ҳарфи алиф ояд, ин ду ҳарф дар забони тоҷикӣ дар ҳама ҳолатҳо овози «о»-ро ифода менамоянд: عا دل (одил), معارف (маориф). Дар забони тоҷикӣ А. дар мобайни калима барои ҳиҷоҷудокунӣ низ меояд: قطعه (қитъа). Дар *Абҷад* қимати ададиаш 70 аст.

М. Қосимова.

АЙНА́К, афзори оптикӣ барои беҳтар кардани босираи (биноии) одам ҳангоми доштани нуқси мушак ва оптикаи чашм ё барои аз ҳар гуна таъсироти зарарнок ҳимоя кардани он. А.-ро духтури чашм (офталмолог) таъин мекунад. А. аз шишаҳои оптикӣ ва чанбарак ва дастаҳо иборат аст. Воҳиди қувваи оптикии шишаи А. *диоптрия* (D) мебошад. Ҳангоми вайрон шудани рефраксия (шикасти рӯшноӣ)-и чашм шишаи А.-ро аз линзаи сферавӣ месозанд, ки қувваи шикасти он ба ҳар сӯ як хел аст. Линзаи сфераviро ба ҷамъкунанда ё мусбат (+) ва паҳнкунада ё манфӣ (–) ҷудо мекунанд. Линзаи мусбатро барои шахсони дурбин ва линзаи манфиро барои шахсони наздикбин тавсия медиҳанд. (ниг. *Дурбинӣ, Наздикбинӣ*). Линзаи А. конуни шуоъҳои ашёро дар шабакияи чашм ҷойгир мекунад. Барои ислоҳи *астигматизм* шишаи А.-ро аз линзаи сферавию силиндрӣ (линзае, ки қувваи шикасти сатҳи он тағйирёбанда аст) сохта, барои ба мизон овардани татобуқ (аккомодатсия)-и чашм онро аз линзаи бифокалӣ ё бисёрфокалӣ месозанд. Костагии шадид ва муштараки биноиро бо А.-и махсус (мас., олусиро бо А.-и призмавӣ) ислоҳ мекунанд. Линзаҳои часпон (контактӣ), ки бевосита ба қисми пеши ғӯзаи чашм гузошта мешаванд, яке аз навъҳои А. мебошанд. Аз ҷиҳати оптикӣ бартарии онҳо нисбат ба А.-и муқаррарӣ дар он аст, ки бо ғӯзаи чашм баробар ҳаракат мекунанд. Феълан линзаҳои часпон барои иваз кардани ранги чашм низ истифода мешаванд. Барои аз таъсироти зарарноки механикӣ (оҳанмайда, чанг ва шуоъ) ҳимоя кардани чашм А.-ҳои муҳофизатӣ тавсия мегарданд.

АЙНИЯ́Т, ҳ у в а-ҳ у в а, мафҳумест, ки ҳолати баробарии мутлақи ашёро ҳам аз рӯи ҷинсу навъ ва ҳам аз рӯи нишонаҳои устувори фардӣ ифода мекунад. А. хилофи *тафовут* аст. Зеро амалҳои тафаккур имконият медиҳанд, ки дар ҷараёни маърифат ҷиҳатҳои куллӣ ва фардии ашё ошкор карда шаванд. Агар кулл ба А. далолат намояд, фард ба тафо-

вут ишора мекунад. Таъбири А. ду навъ аст: метафизикӣ ва диалектикӣ. А.-и метафизикӣ маҳдуд буда, А.-ро ҳамчун А.-и мутлақ, абадӣ, тағйирнаёбанда мепиндорад. Ф. Энгелс таъкид намудааст, ки принсипи А. ба маънои кӯҳнаи метафизикиаш принсипи асосии ҷаҳонфаҳмии кӯҳнаест, ки мувофиқи он А=А (яъне ҳар як ашё ба худ баробар) аст. Лекин принсипи мазкур дар мантиқ маънои дигар дорад. А.-и диалектикӣ робитаи мутақобилаи ашёро дар назар дорад. Дар он ашё бо вуҷуди ба худ айният доштан тағйирёбиро истисно намекунад. Яъне ашё дар нисбати кулл А.-ро ташкил дода, аз фарду махсус тафовут дорад. Ин ҳолат А.-и нисбӣ, муваққатӣ, гузаранда буда, инкишоф, табдил, тағйирёбии ашё мутлақ аст. Аз ин рӯ, А. муҷаррад не, балки мушаххас мебошад.

Дар илмҳои математика ва мантиқ А. ба маънои муҷаррад ва мутлақ истифода мешавад. Дар онҳо аз тафовути воқеии ашё сарфи назар намуда, объектҳоеро ҳосил мекунанд, ки натиҷаи айниятдор кардани ашёи воқеӣ мебошанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки математика ва мантиқ тафовутро ба эътибор намегиранд.

А. дар мантиқ яке аз қонунҳои тафаккур аст, ки мувофиқи он ҳар як фикр ё *истилоҳ* ҳангоми баҳсу муносира, андешаю мулоҳиза ва ё собит намудани чизе фақат ба як маъно, яъне ба маънои аслии худ истифода мешавад; ҳар як фикр худ ба худ айниятдор аст. Қонуни мазкур бо формулаи А=А ё А – А ифода мешавад. Қонуни А. дар қатори қонунҳои дигари тафаккур яке аз принсипҳои асосии мантиқи шаклист, зеро қонунҳои тафаккур дастурҳои умумие мебошанд, ки дар ҷараёни маърифат ба онҳо истинод намуда, талаботи онҳоро риоя мекунанд. Агар талаботи қонуни А. риоя нашавад, пас фикрҳои айниятдор хилофи ҳамдигар дониста шуда, фикрҳои гуногун А. дода мешаванд. Чунин ҳолат бо хусусиятҳои луғавии мафҳумҳо ва калимаҳо алоқаманд аст, алалхусус истифодаи нодурусти синонимҳою омонимҳо тартиби мантиқии фикр ва возеҳии онро халалдор мекунад. Мусоҳибаи зер мисоли равшани он аст: «Чизеро, ки ту гум накардаӣ, дорӣ? Ҷавоб: Албатта. – Магар ту шоҳҳоятро гум накардаӣ? Ҷавоб: Не. – Пас ту шох дорӣ». Шубҳае нест, ки натиҷа дурӯғ аст, зеро ибораи «гум кардани чизе» дар ҷумлаҳои якум ва дуюм маъноҳои гуногунро ифода мекунад. Вайрон намудани талаботи қонуни А. боиси хатои мантиқӣ – таъвизи мафҳум мегардад. Классикони фалсафа ва мантиқ (Арасту, Ибни Сино, Гегел ва Энгелс) ба қонуни А. аҳамияти калон додаанд. Онҳо духӯрагӣ, ноаниқӣ ва мубҳамии фикрро танқид мекарданд. Ф. Энгелс дар асараш «Доир ба масъалаи манзил» муҳокимаронии як прудонистро танқид намуда, менависад, ки барои ӯ иҷорапулӣ ё фоизи барои капитал гирифташаванда фарқ надорад, чунон ки майори пиронсол байни духтур ва доктори фалсафа фарқе намегузорад (ниг. Маркс К., Энгелс Ф., Ас. мунт., ҷ. I, саҳ. 617). Ҳамин тавр, мувофиқи қонуни А. тафаккури дуруст бояд возеҳ бошад. Возеҳӣ, аниқии фикр хосиятҳои муҳимтарин ва ҷудонашавандаи тафаккури мантиқист.

Ад.: Ивлев Ю. В., Логика, М., 2004; Гетманова А. Д., Логика, М., 2006; Логика, М., 1955; Кириллов В. И., Старченко А. А., Логика, М., 2002. *Н. Сайфуллоев.*

АЙНИЯ́Т дар математика, баробарии ду ифодаи таҳлилӣ, ки барои ҳамаи қиматҳои имконпазири ишораҳои онҳо ҷой дорад.

Мас., 1) баробарии

$(a + b)^2 = a^2 + 2ab + b^2$

барои ҳамаи қиматҳои a ва b дуруст аст;

2) $$\frac{a^x - b^x}{a - b} = a^2 + ab + b^2$$

барои ҳамаи қиматҳои ададии $a \neq b$ ҷой дошта, аммо ҳангоми $a=b$ будан қисми чапи баробарӣ маънояшро гум мекунад;

3) баробарии $lgxy = lgx + lgy$ барои ҳамаи қиматҳои $x > 0$, $y > 0$ ҷоиз буда, лекин ҳангоми $x < 0$, $y < 0$ будан қисми рости баробарӣ маъно надорад. Агар яке аз ифодаҳои таҳлилӣ бо табдили айниятии дигаре ҳосил гардад, ду ифодаи таҳлилӣ айниятан баробар мешавад.

АЙНӢ Камол Садриддинович (15. 5. 1928, Самарқанд – 15. 8. 2010, Душанбе), адабиётшинос-шарқшиноси тоҷик. Фарзанди С. *Айнӣ*. Арбоби шоистаи илм ва техникаи ҶТ (1996). Хатмкардаи фак-ти шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград (1949). Нахустин мудири Шӯъбаи дастнависҳои шарқии назди Раёсати АИ ҶТ (1953 – 55), баъдан то с. 1996 дар ИЗА ва Ин-ти шарқшиносӣ ва мероси хатии АИ ҶТ дар вазифахои гуногун кор кардааст. Муовини раиси Анҷумани тоҷикони ҷаҳон (1996 – 2002). Солҳои 2002 – 10 ходими пешбари Ин-ти шарқшиносӣ ва мероси



Камол Айнӣ.



Лутфия Айнӣ.

хаттии АИ ҶТ, раиси Бунёди Айнӣ буд. Фаъолияти илмӣ-эҷодии А. ибт. с-ҳои 50 а. 20 аз таълифи мақолаҳои илмӣ, публитсистӣ ва танқидӣ сар шудааст. Пажӯҳиши илмии А. аз омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав (достонҳои «Саодатнома», «Рӯшноинома») ва баъдан Бадриддин Ҳилолӣ оғоз ёфтааст. Натиҷаҳои ин пажӯҳишҳо рисолаҳову мақолаҳо дар бораи ин ашхос ва нашри мунтахаботи осорашон мебошад. А. муҳаққиқе буд, ки ҳар як мақолааш масъалаҳои умдаи таърихи адабиёти форс-тоҷик, масъалаҳои адабиётшиносӣ ва фарҳангиву ҳунариро дар бар мегирад (мас.,«Бадриддини Ҳилолӣ ва достони ӯ «Лайлӣ ва Маҷнун», 1954; «Беҳзод – рассоми бузурги тоҷик», 1956; «Қасида дар эҷодиёти Рӯдакӣ», 1958; «Хоҷуи Кирмонӣ ва девони ӯ», 1969 ва ғ.). Соли 2003 дар ҷ. 5-уми «Тамаддуни Осиёи Марказӣ», ки ЮНЕСКО ба забони англисӣ нашр мекунад, мақолаи А. бо номи «Адабиёти форсии асрҳои XVI – XIX» ба табъ расид. Таҳияи матнҳо ва бо муқаддимаву тавзеҳот омода сохтани осори шоирону адибони гузаштаву муосир як ҷиҳати фаъолияти пурсамари илмии А. мебошад. Дар Теҳрон ҳамроҳи А. Н. Болдирев, А. Гваҳария «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ (1971, 1991), «Хамса»-и Хоҷуи Кирмонӣ (1991), «Вис ва Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ (1970), «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ (1971 – 72), «Шаҳриёрнома»-и Мухтории Ғазнавӣ (1964) ва ғ.-ро ба табъ расондааст. Интишори маҷм. ашъори Ҳилолӣ, Умари Хайём (ба забони русӣ, 1965), Абуалӣ ибни Сино «Авҷи Зуҳал» (ҳамроҳи Ш. Ҳусейнзода ва Х. Шарифов), «Ошёни баланд» (маҷм. ашъори М. Турсунзода, 1981), «Музаккирул-асҳоб» ё «Тазкират-уш-шуаро»-и Малеҳои Самарқандӣ (2008) ва ғ. маҳсули заҳмати А. мебошанд. А. дар нашри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (9 ҷилд), осори мунтахаби панҷилдаи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғ. иштирок кардааст. А. дар нашри «Куллиёт»-и С. Айнӣ (оғоз с. 1958), осори С. Айнӣ

ба забони ӯзбекӣ (8 ҷилд, 1963 – 67), «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ (Т., 2007, 2010) ва ғ. саҳми арзанда дорад. Ба муносибати 100-солагии С. Айнӣ албоми мусаввараре бо муқаддима ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ бо номи «Корномаи Садриддин Айнӣ» ба табъ расонид. А. бунёдгузор ва мушовири осорхонаи адабии С. Айнӣ дар Душанбе, осорхонаи С. Айнӣ дар Самарқанд ва деҳаи Соктаре (зодгоҳи С. Айнӣ) буд.

Ос.: Дирӯз ва имрӯз (маҷмӯаи мақолаҳо), Д., 1989.

Ад.: 50 соли шоиста дар ҳоваршиносӣ ва фарҳанги миллӣ, маҷ. «Пайванд», № 5; Шарқшиносии тоҷик (1958 – 2008), Д., 2009.

А. Қурбонов.


АЙНӢ Лутфия (тав. 13. 5. 1934, ш. Самарқанд), санъатшинос, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон (1991). Духтари С. *Айнӣ*. Хатмкардаи факти санъатшиносии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (1955). Ходими илмии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддини Беҳзод ва Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ буд. Муаллифи асарҳои бисёр дар бораи санъати классикии Шарқи Миёна (меъморӣ, суратгарии миниатюрӣ, ҳунармандӣ) ва санъати муосири Тоҷикистон. Асарҳои А. ба бисёр забонҳои хориҷӣ нашр шудаанд. Аз с. 1964 узви ИР Тоҷикистон.

Ос.: Искусство Таджикской ССР, Л., 1972; Искусство Средней Азии эпохи Авиценны, Д., 1980; Туренко К. мастер книжной графики, Д., 1985; Изобразительное искусство Таджикской ССР, М., 1986; Сабзали Шарипов, Д., 1998; Художники Турции и Таджикистана, Д. – Анкара, 2009.

Л. Додхудоева.

АЙНӢ (тахал. аз с. 1896), ному насабаш Садриддин Сайидмуродзода (15. 4. 1878, деҳаи Соктареи тумани Ғиждувони вил. Бухоро – 15. 7. 1954, Сталинобод), нависанда ва донишманд, асосгузори адабиёти советии (навини, муосири) тоҷик, яке аз сардафтарони адабиёти советии ӯзбек. Аввалин президенти АИ РСС Тоҷ. (1951 – 54), нахустин Қаҳрамони Тоҷикистон (8 сент. 1997), Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷ. (1940) ва РСС Ӯзб. (1949), узви фахрии АИ РСС Ӯзб. (1943), доктори илмҳои филология (1948), проф. (1949), акад. АИ РСС Тоҷ. (1951).

Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти А.-ро асосан ба ду давра – тоинқилобӣ (инқилобе, ки дар таърихи 70 – 80 соли а. 20 бо номи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябри 1917 ном бурда мешуд) ва замони шӯравӣ тақсим мекунанд. Аммо дар ин ду давра ҳам марҳилаҳое мавҷуданд, ки дар



Садриддин Айнӣ дар коргоҳаш.

зиндагонӣ ва ташаккули андешаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии ӯ нақши муҳим бозидаанд. Давраи бачагӣ ва наврасии ӯ дар деҳаҳои Соктаре ва Маҳаллаи Болo гузаштааст. А. ба таҳсил аз 6-солагӣ дар мактаби назди масҷиди деҳаи Соктаре шурӯъ кард. Азбаски усули таълиму тарбия дар ин мактаб қолабӣ ва мактабдор камсавод буд, ӯ бо тавсияи падар барои таҳсил ба мактаби духтарона, ки бибихалифаи хушсавод таълим медод, гузашт. Он ҷо ӯ ба ҷуз «Ҳафтяк» ва «Чоркитоб» бо ашъори Саъдӣ, Ҳофиз ва Соиб ошно шуд. Падар дар дили ӯ нисбат ба адабиёт ва илму маърифат меҳри махсус бедор намуд. Дар тарбияи завқи эстетикӣ, такомули тахайюли бадеӣ ва олами маънавии А. афсона, ривоят ва қиссаҳои зани амаки падараш Тӯта-пошшо нақши бориз гузоштаанд. А. аз овони кӯдакӣ дар муҳити мардумони меҳнатӣ, аҳли касбу ҳунар адабпарвару шоиртабиат, равшандилу равшанфикр тарбия гирифт.

Соли 1889 падару модари А. аз вабои умумӣ вафот карданд. Дар 11-солагӣ тарбияи додаронаш – Сироҷиддин ва Киромиддин ба дӯши ӯ афтод. Бародараш Муҳиддинхоча дар Бухоро таҳсил мекард. А. дар

хонаи Мулло Абдусалом ном домуллои кунҷакии Муҳиддинхоҷа бо Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва Мирзо Абдулвоҳид (Мунзим) ошно шуд. Садри Зиё қобилияти ӯро ба омӯзиши илму адаб дарк карда, маслиҳат медиҳад, ки ба Бухоро рафта таҳсил намояд. Пас аз як сол ӯ ва Муҳиддинхоҷа бо кӯмаки Мулло Абдусалом дар мадрасаи Мири Араб ҳуҷрае ёфта ҷойгир шуданд. Ин ибтидои марҳилаи дуюми ҳаёти А., солҳои зиндагонии ӯ дар Бухоро буд. Солҳои 90 а. 19 А. зиндагонӣ ва таҳсилашро дар мадрасаҳои Мири Араб, Олимҷон, Хоҷӣ Зоҳид ва Бадалбек идома дод. Одатан дар мадраса 19 сол таълим мегирифтанд. А. дар асараш «Ёддоштҳо» шарҳ медиҳад, ки ин муддати тӯлонӣ асосан ба омӯзиши сарсарии сарфу наҳви забони арабӣ, «Шарҳи Мулло»-и Ҷомӣ, хондан ва муҳокима кардани шарҳ ва ҳошияҳои бисёре оид ба асари Ҷомӣ мегузашт. Илми мантиқ низ хеле сатҳӣ таълим дода мешуд. Худогоҳӣ ва бедории шуури иҷтимоӣ, муайян гардидани мавқеъ ва муносибати А. ба равандҳои ҳаёти ҷамъият, рушди маънавӣ, иштиғол ба шеъру шоирӣ ва касби камоли ӯ якчанд омилҳои муҳим доранд. Омили якум шиносоӣ бо ҳаёти халқ ва идроки моҳияти нобаробариҳои иҷтимоии сохти феодалӣ буд. А. аз айёми бачагиаш дар зодгоҳаш аз зиндагонии қашшоқонаи ранҷбарон ва ҳаёти осудаҳолонаи сарватмандон огоҳ буд. Дар Бухоро ҳаёти ҷамъият ва синфу табақаҳои гуногуни онро хуб шинохта, аз зиддиятҳои сахт ва талошу манфиатҳои синфӣ амиқтар огоҳ гардид. Мурдумфиребии бойҳо, тоҷирон, судхӯрҳо, ҷабру зулми ҳукуматдорон, ваҳшонияти асримиёнагии амиру амалдорон нисбат ба мардуми ранҷбар, ҷаҳолатпешагии уламои мутаассиб, риёкорӣ ва мунофиқии аҳли ҷоҳ ва диг. манзараҳои пуртаҳлукаю фоҷеи Бухорои Шариф чашми А.-ро кушоданд. Омили дуюм мутолиаву бардошт аз адабиёти классикии форсҷочик ва фарҳанги маънавии халқ мебошад. Ғояҳои олии башардӯстонаи шуарои забардаст ва фарҳанги ғании мардумӣ ҳиссиёти А.-ро чун шахсият бедор карданд, маънавияташро ғанӣ сохтанд, барои фарқ кардани хайру шар дар манфиатҳои миллату кишвар кӯмак расонданд, завқи эстетикӣ, заковати сухансанҷию шоирии ӯро тарбият намуда, андешаҳои умуминсониашро ташаккул доданд. Адабиёти бадеӣ сарнавишти ӯ гардид. Омили сеюм муҳити иҷтимоӣ ва адабии замони ӯст. А. дар овони бачагӣ ва наврасии худ ба ёрии падараш бо беҳтарин намунаҳои эҷодиёти шоирони замон – Исо Махдум, Соиб ва Садри Сарир ошно шуд. Аз осор ва шахсияти онҳо меҳнатдӯстӣ ва қатъияту устуворӣ омӯхт. Дар Бухоро ӯ бо Аҳмади Дониш, Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат (дар шеъру шоирӣ А. ӯро устоди худ шинохта буд), Шарифҷонмахдуми Садри Зиё ва дӯстону шогирдони онҳо, ки ҳама шоиру олим ва донишмандони баргузидаи замон буданд, риштаи пайравию ҳамкорӣ ва садоқату дӯстӣ баст. Ин се шахс дар сабзишу камолоти маънавӣ, ташаккули афкори сиёсию иҷтимоӣ ва ақоиди адабӣ-эстетикии А. нақши хеле бузург доштаанд. Сарчашмаи ин ҳама рашодати А. муҳити адабӣ ва илмии Садри Зиё, сӯҳбатҳои адабие буданд, ки дар хонаи ӯ баргузор мешуданд. А. дар сӯҳбатҳои мазкур бо Мулло Назруллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллоҳхоҷаи Таҳсин, Мулло Бурҳони Муштоқӣ, Қорӣ Абдулкарими Офарини «Дӯзахӣ», Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ ва диг., ки аксари онҳо шоир ва ё шеършинос буданд, шинос ва ҳолдон шуда, аз ҳар кадоми онҳо сабақе гирифтааст. Мас., майлу рағбати А. ба забони русӣ ва истифода аз калимаҳои он дар шеър на танҳо аз ҳаёт сарчашма мегирад, балки бо таъсири Аҳмади Дониш, Ҳайрат ва Содиқхоҷаи Гулшанӣ ҳам ба вуқӯъ пайвастааст.

А. маҳз дар маҳфили илмӣ ва адабии Садри Зиё сифатҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Шамсиддини Шоҳин ва диг-ро шунида, ғоибона ба онҳо мухлис шуда буд. «Инқилоби фикрӣ»-е, ки дар олами маънавии А. ба амал омад, низ бо таъсири «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш рух дода буд. Оид ба нукоти таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ», тасвирҳои воқеие, ки дар ин асар вомехӯрданд ва А. ислоҳ кардани онҳоро зарур мешуморид, дар «Ёддоштҳо» ёдовар шудааст (Кулл., ҷ. 7, саҳ. 445 – 446).

Эҷодиёти А. с-ҳои 1893 – 94 оғоз ёфтааст. Шеърҳое, ки ӯ дар ибтидои фаъолияти адабиаш бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Мӯҳтоҷӣ», «Ҷунунӣ» навишта буд, боқӣ намондаанд ва аз онҳо танҳо як ғазал ва як мухаммас бар ғазали Ҳозиқ бо тахал. «Сифлӣ» дар даст ҳаст, ки байти тахаллуси ғазал ин аст:

Нест хубонро вафое ҳеҷ дар бозори даҳр,
Сифлии бечораам, сар то ба по кардам ғалат.

Аз с. 1896 бо тахал. «Айнӣ» шеър навиштааст. Ашъори А. аз ҷиҳати шакл ва мазмунҳои ишқӣ дар пайравии назми классикии форс-тоҷик навишта шуда бошанд ҳам, рӯҳия, кайфият ва эътирози ӯро аз муҳити иҷтимоии давраш ифода мекунанд. Ғазалиёт, қитъаҳо, мухаммасот ва мусаддасот, қасидаҳо, маснавиҳо ва рубоиёти А. ғановати жанрии назми ӯро нишон медиҳанд. Хусусан ғазалҳое, ки дар татаббӯъ ва тазмини Камоли Исфаҳонӣ, Саъдии Шерозӣ, Бедил, Соиб, мухаммас ва мусаддасҳое, ки бар ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, Ҳофиз, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Қоонӣ, Соиб, Яғмо, шеъре, ки дар такмили ду байти имтиҳонии Зулфи Эронӣ гуфта шудаанд, муносибати эҷодкоронаи А.-ро ба анъанаҳои назми форсҷочик собит ва қудрату маҳорати шоирии ӯро таъкид мекунанд. Ашъори то с-ҳои 20 а. 20 сурудаи А. баёнгари фикру андеша ва ҷаҳонбинии ӯ мебошанд, ки тағйир ва такмили ақидаҳои иҷтимоӣ ва ормони ҷамъиятии А.-ро ифода кардаанд. Аксарияти шеърҳои А. аз бевафоии ёру меҳрубониҳои ӯ ба ағёр ва шикваи қаҳрамони лирикӣ ҳикоят мекунанд, ки ин аз садоқати ӯ ба суннатҳои адабии гузашта гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, дар ашъори ӯ ҳаёти мадраса ва талабаҳои он, зиндагии ҳаррӯза инъикос ёфтаанд, ки қаробати эҷодиёти шоирро бо воқеият нишон медиҳанд. Ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ низ мавзӯъ ва ҳолатҳои мухталиф ва воқеиро фаро мегиранд.

А. дар яке аз аввалин ғазалҳояш «Гули сурх» дар натиҷаи бепулӣ аз сайри гули сурх маҳрум монданашро тасвир кардааст. Дар ғазали дигар шикояти А. аз нодорӣ, андешаҳои ӯ дар бораи нобаробарии иҷтимоӣ равшантар ба қалам омадаанд:

Ёр мехонад ба базми васл арбоби ғиноро,
Айнии бечораро ҳам мушти зар будӣ, чӣ будӣ?

Эътирози иҷтимоии А. хусусан дар шеърҳои оид ба мавзӯи даҳякхӯрии талабагони мадраса эҷодшуда баландтар садо додаанд. Мас., дар як ғазали ӯ чунин сатрҳо ҳастанд:

Бар камбағалон ин ҳама озор намудан,
Аз баҳри дили як ду-се пулдор чӣ лозим?

Амир Абдулаҳад (ҳукмр. 1885 – 1910), ки мехост А.-ро ба хидмати дарбор бикашад, ин сатрҳоро хонда мегӯяд: «Айнӣ дар ин байт маро ҳомии боён ва поймолкунандаи камбағалон гуфтааст. Ӯ иғвогар аст,

ӯ бо ин гуна байтҳо камбағалонро ба муқобили ман шӯрондан мехоҳад. Ҳамаи шеърҳои Айниро дубора аз назар гузаронидан даркор аст» (Кулл., ҷ. 8, с. 585). Ба ҳамин сабаб А. ба хидмати дарбор даъват нашуд ва аз доми амир наҷот ёфт.

Дар вусъати андеша ва ҷаҳонбинии А. мутолиаи рӯзнома ва маҷаллаҳои он замон «Ҳаблулматин», ки дар Калкатта (Ҳиндустон), «Чеҳранамо» (аввал дар Искандария, баъд дар Қоҳира) ба забони форсӣ чоп мешуданд, «Тарҷумон», ки ба забонҳои тоторӣ ва русӣ дар Боғчасаройи Қрим нашр мешуд, «Вақт», маҷ. «Шӯро», «Оина» ва ғ. нақши муҳим бозиданд.

Марҳалаи нави ҳаёту фаъолияти А. дар ибт. а. 20 – замони Инқилоби с-ҳои 1905 – 07 дар Россия, Инқилоби зидди империализм ва зиддифеодалӣ дар Эрон (Инқилоби Машрутахоҳӣ – 1905) оғоз ёфтааст. Вай с. 1906 мадрасаро хатм кард ва ба ҳаракати пешқадами маорифпарварӣ (ҷадидия), ки дар роҳи ислоҳи мактабу мадрасаҳо ва урфу одатҳои шахшуда, ислоҳи идораи кишвар ва ба низом даровардани музди хизмату андозҳои подшоҳӣ, барҳам задани худсарӣ ва тороҷгарии маъмурони амир вусъат меёфт, ҳамроҳ шуд. Аз он ҷо ки фаъолияти ҷараёни маорифпарварӣ ва наҳзати ҷадидия аслан бар иттиҳоди ислом (панисломизм) асос ёфта буд, А. низ як ҷадиди исломгаро буд ва чун ба арсаи фаъолияти ислоҳотхоҳӣ ворид шуд, ба таълифи дастурҳои таълимӣ ва осори динӣ пардохт ва китобҳои «Тартилул-Қуръон» (1908), «*Таҳзиб-ус-сибён*» (1909, 1917) ва «Заруриёти диния» (1913)-ро навишт. А. то охири умр дар ҷодаи эҳтиром ба дини Ислом ва иҷрои фарзу суннати он устувор мондааст. Ӯ корро аз ислоҳи мактаб оғоз карда, ба Самарқанд сафар кард ва бо мактаби ҷадиди Абдуқодири Шакурӣ ошно шуд. Сипас с. 1907 мактаби хусусии тотириро, ки дар Бухоро ба кор даромада буд, рафта дид, шаш моҳ дар ин мактаб бепул тарҷумонӣ карда, таҷриба омӯхт ва ҳамроҳи Мунзим дар ҳавлии ӯ мактаби нав кушод. Онҳо барои талабаҳои ин мактаб алифбо сохтанд ва А. дар қиёси дарсҳое, ки дар мактаби тоторӣ барои тоҷикбачагон тарҷума карда буд, китоби қироати «Таҳзиб-ус-сибён»-ро тартиб дод. Ин китоб ба ғайр аз он ки асари таълимӣ буд, хусусияти адабӣ дошта, барои бачагон шавқовар ва дорои маводи динӣ ҳам буд (Куллиёт., ҷ. 1, сах. 60).



Ҳайкали С. Айнӣ ва М. Горкий дар назди бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

Дар «Таҳзиб-ус-сибён» ақидаҳои инсонпарварии А. мақоми муҳим доранд. Дар ин асар ормони ҷамъиятии як нависандаи ҷадид – хизмат кардан барои ватан ва аҳли он равшан ифода ёфтааст. А. фаъолияти маорифпарварии худро дар арсаҳои гуногун вусъат дод. Барои ислоҳи мактаб ва мадраса ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол»-ро ташкил кард. Аъзои ин ҷамъият мактабҳои махфӣ мекушоданд, шогирдони худро барои таҳсил ба шаҳрҳои гуногуни Россия ва Туркия мефиристоданд. Ҳарчанд аъзои ҷамъият бештар дар ҷодаи рӯшангарӣ ва маориф фаъолият доштанд, вале ҳукуматдорони маҳаллӣ онҳоро «сӯиқасқунанда ба давлат» шумориданд. Қушбегӣ А. ва ҳаммаслакони ӯро аз фаъолияти маорифпарварӣ манъ кард. А. дар з-ди пахтатозакунии Қизилтеппа (аз сент. 1915 то апр. 1916) ба хидмат даромад ва зиндагии мардумро аз наздик омӯхт. Ҳукумати амир аз ин, ки А. аз доираи уламо берун меравад, тарсид ва ӯро мударриси мадрасаи Хиёбон таъйин намуд. А. расман мударрис, аммо дар амал бо фаъолияти иҷтимоӣ ва эҷодӣ машғул буд. Асарҳое, ки ӯ дар он даврa эҷод кардааст, қисман дар тазкираҳои ҳамон замон дарҷ гардидаанд. Ашъори ӯ дар маҷаллаҳои «Оина» ва «Шӯро» низ чоп шуда буд. Дар баъзе тазкираҳо ба маҳорати шоирии А. баҳои баланд дода мешавад («Тазкори ашъор»-и Садри Зиё), дар бархе дигар тамоюлоти асосии эҷодиёти ӯ таъкид ёфтааст. Чунончи, Мирзо Салимбеки Салимӣ менависад: «Мумиилайҳ… алҳол аз шеъри ишқӣ ва ошиқӣ танаффур карда, ашъорҳои миллӣ менависад». Дарвоқеъ, солҳои таҳриру нашри ин тазкира (1914) ба марҳалае рост меоянд, ки А. ашъори инсондӯстона, ватанхоҳӣ ва адолатҷӯӣ менавишт. Шеърҳои «Нидо ба ҷавонон», «Самарқанду Бухоро», «Панд», «Азият ва ҳичрон», «Саҳаргоҳон», маснавии «Қиссаи парвона ва кирмак» ва диг. моҳияти амиқи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд.

Баъд аз Инқилоби февр. 1917 дар Россия ҷамъияти «Тарбияи атфол» фаъолияти худро муваққатан қатъ кард. Ба ғайр аз А. ва додари ӯ Сироҷиддинхӯҷа, Мирзо Назрулло ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва диг. аъзои ҷамъият ба «Ҷамъияти махфӣ»-и ҷавонбухориён ҳамроҳ шуданд. А. ба роҳбарони он маслиҳат медод, ки дар байни деҳқонон ташвиқот баранд, зеро бархе аз талаботи онҳо ба ислоҳоти замин алоқа дошт. Аммо ин ҳеҷ натиҷа надод. Сипас худи А. ба Вобканд рафта, дар байни деҳқонон ташвиқот гузаронд. Аммо деҳқонон мақсади зиёиёни тараққипарварро, ки А. вакили онҳо буд, фаҳмида наметавонистанд ва онҳоро душмани шариат ва ислом мепиндоштанд, бинобар он ин амал ҳам бенатиҷа анҷомид. Дар вазъияте, ки ҳукумати муваққатӣ ва амир талаботи ҷадидонро дар бораи ислоҳот қабул кард ва ин дар матбуот эълон гардид, А. ба аксула-



Мақбараи Садриддин Айнӣ.

мали ҷадидҳо муқобил баромад. Пас аз интишори фармони амир дар бораи ислоҳот (7 апр. 1917) ҷадидҳо ба аломати миннатдорию шукргузорӣ ба намоиш баромаданд. А. фаҳмида буд, ки амир намоишгаронро фиреб медиҳад ва онҳоро таъқиб мекунад. Бинобар он ӯ дар намоиш иштирок накард. Бо вуҷуди ин, одамони амир А.-ро 9 апр. 1917 аз ҳуҷрааш дастгир карда, ба Арк бурданд ва бо фармони амир 75 дарра зада, ба «обхона» андохтанд. Аскарони инқилобӣ, ки онҳоро Шӯрои депутатҳои Когон аз Самарқанд даъват карданд, маҳбусон ва аз ҷумла А.-ро озод намуда, ба Когон бурданд. А. дар беморхона 52 рӯз хоб карда, 25 амалиёти ҷарроҳиро аз сар гузаронд. Июни 1917 А. шифо ёфта ба Самарқанд кӯчид. Ҳарчанд дар Самарқанд зиёиёни пешқадам, аъзои ташкилоти ҳизбии «Иштирокиюн», ташкилоти муаллимон «Иттифоқ» ва дигарҳо А.-ро хуш истиқбол гирифта, барои ӯ шароити зиндагӣ муҳайё карданд, вале ташкилоти иртиҷоии «Шӯрои ислом» бо сардории Қозӣ Исохон, бо дасти Мулло Обиди муфтӣ ривоят навиштанд, ки А., чун касе, ки ба подшоҳи ислом теғ кашида аз Бухоро ронда шудааст, дар шаҳри мусулмонон – Самарқанд истиқомат карданаш аз рӯи шариат ҷоиз нест. А. ҳамин аҳволро ба назар гирифта чун эътироз шеъре бо номи «Самарқанду Бухоро» (ноябри 1917) навишта буд.

Дар ин миён дар Россия Инқилоби Октябр (1917) ба амал омад ва А. ба ғояи озодихоҳии он эътимод баста, онро бо хушидию хурсандӣ истиқбол кард. Шеърҳои ӯ «Ба шарафи Инқилоби Октябр» ва «Марши ҳуррият» (1918) дар ин бора гувоҳӣ медиҳанд. А., ки душмани асорати феодалӣ буд, бо сатрҳои зерин ба халқ муждаи озодӣ мерасонд:

Эй ситамдидагон, эй асирон,
Вақти озодии мо расид:
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

Дар ин шеър («Марши ҳуррият»), ки дар ҳавои қаринаи русии «Марселеза» (суруди инқилобгарони Франсия) суруда шудааст, ҳама чиз нав буд: ҳам мавзӯъ, ҳам ғоя, ҳам вазн, ҳам қофия. Он ибтидои адабиёти тоҷики замони шӯравӣ эътироф шудааст. Ин гуна шеърҳо боиси қаҳру ғазаби доираҳои иртиҷоӣ гардиданд. Бинобар он ӯ 22 апр. 1918 ичборан ба Тошканд кӯчид ва дар он ҷо шаш моҳ истиқомат кард. Шеърҳое, ки А. дар ин ҷо навиштааст («Ёди айёме, ки мо ҳам хонумоне доштем», «Эй Ватан!» ва диг.) мундариҷаи ватандӯстӣ дошта, эътирози сахти ӯро ба ифротгароёни исломӣ ифода мекарданд. Пас аз бозгашт ба Самарқанд А. ба фаъолияти педагогӣ ва рӯзноманигорӣ машғул шуд. Соли 1919 ӯро мувофиқи хоҳиши худаш ба табаагии Россия қабул карданд. Вай дар таъсиси маҷ. «Болалар юлдоши» (1919), «Шӯълаи инқилоб» (10 апр. 1919 – дек. 1921), «Меҳнаткашлар товуши» (1918 – 21) фаъолона иштирок кард. Ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеъру мақолаҳо менавишт. А. дар бист соли авв. а. 20 чун маорифпарвар ва ислоҳотталаб узви фаъоли наҳзати ҷадидия ба шумор меомад ва дар ҳамин мавқеъ фаъолият дошт. Баъд аз Инқилоби Октябр озодихоҳони Бухоро ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо шуданд. Як гурӯҳ, мисли А., с. 1918 ба ташкилоти коммунистӣ пайвастанд. Гурӯҳи дигар, ки аморати Бухороро сарнагун сохта, ба ҷойи он ҷумҳурии буржуазии демократӣ таъсис кардан мехост, худро ҳизби «Ҷавонбухориён» (бо сардории Ф. Хоҷаев) номиданд. А. тарафдори мавқеи Партияи Коммунистии Бухоро буд ва муроҷиатномаҳои онро ба халқ таълиф намуда, бо қалами худ ба вай кӯмак мерасонд.

2 сент. 1920 Аморати Бухороро болшевикҳо сарнагун карданд ва Республикаи Халқии Советии Бухоро (РХСБ) ташкил ёфт. А. инқилобро хуш қабул кард ва тамоми қувва, дониш ва таҷрибаи худро барои мустаҳкам намудани Ҳокимияти шӯравӣ равона намуд. Вай дар чилсолагӣ, ба қавли худаш, чун шогирд ба «мактаби Октябр» ворид шуд ва дар рушди ҳамаи соҳаҳои фарҳанги нави тоҷикӣ саҳм гирифт. А. аввалин шоири инқилобӣ, нигорандаи ашъори инқилобӣ, аввалин насрнависи воқеъгаро, рӯзноманигор, адабиётшинос, омӯзгори замони нав, забоншинос, аввалин муаррих ва сардафтари адабиёти навини тоҷик, ҷомеашиноси даврони тоза шинохта шудааст.

Дар солҳои 20 а. 20 ӯ якчанд вазифаҳоро иҷро мекард: ходими адабии маҷ. «Шӯълаи инқилоб», мушовири се мактаби Самарқанд, мушовири консулхонаи РХСБ дар Самарқанд, мудири идораи тиҷорати Бухоро ва то ох. с. 1933 муҳаррири адабӣ ва машваратчии илмию адабии Нашриёти давлатии Тоҷикистон буд. Соли 1923 узви КИМ-и Бухоро интихоб гардид. Солҳои 1929 – 38 узви КИМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Эҷодиёти А. серсоҳа мебошад. Ӯ пайваста ба таълифи осори манзуму мансур, асарҳои таърихӣ, адабиётшиносӣ ва амсоли инҳо машғул гардидааст. А. ба майдони адабиёт пеш аз ҳама ҳамчун шоир дохил шуд. Ашъори ӯ дар Аморати Бухоро мазмуну моҳияти маорифпарварӣ доштанд. Дар давраи шӯравӣ осори ӯ ба васфи инқилоб, озодӣ, ҳаёти нав бахшида шуданд. Маҷмӯаи шеърҳои ӯ «Ахгари инқилоб» (1923) ба ду забон (тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) интишор ёфт. Маҷм. «Ёдгорӣ» (1934) шеърҳои давраи шӯравии А.-ро дар солҳои гуногун дар бар гирифтааст. Ӯ минбаъд низ ба ҳар муносибат шеърҳои сара эҷод мекард, достонҳо менавишт, ки ба навсозиҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Достони ӯ «Ҷанги одаму об» (1936) аз сохтмони системаи обёрии водии Вахш ҳикоят мекунад. Сохтмон на танҳо чун зуҳуроти навсозии кишвар, балки ҳамчун мактаби тарбияи меҳнаткашон ва истеҳкоми дӯстии халқҳои гуногунмиллат, пеш аз ҳама русҳо ва тоҷикҳо, васф гардидааст. Достонҳои дастҷамъонаи «Зафарномаи халқҳои Тоҷикистон» (1936) ва «Оби ҳаёт» (1939), ки бо сардории А. таълиф ёфтаанд, таҷаддуди моддӣ ва маънавии халқи тоҷикро дар давраи бунёдкорӣ нишон медиҳанд. Дар давраи ҶБВ (1941 – 45) фаъолияти шоирии А. вусъат ёфт. Ӯ халқро ба муборизаи зидди истилогарони фашистӣ даъват кард, қаҳрамонию фидокории миллату халқиятҳои мамлакатро васф намуд, фашизм ва саркардаҳои онро ба зери тозиёнаи танқид гирифт. Ашъори А. дар он солҳо асосан ба ташвиқи ғояҳои инсонгароӣ, ватанхоҳӣ ва дӯстии халқҳо бахшида шудаанд. Асарҳои манзуми А. «Мо зи Гитлер ниқори башарият гирем», «Марши интиқом», «Қаҳрамон Ленинград» ва ғ. бо анвои гуногуни адабӣ навишта шудаанд. А. ғалабаи халқи шӯравиро бар фашизм бо «Қасидаи ҷанг ва зафар», ки оҳанги мутантан ва қофиябандии тоза до-

рад (аа ба ба ба), истиқбол кард. Ашъори минбаъдаи А. ба тараннуми дӯстии халқҳо («Барги сабзи дӯстона аз қабили тиккаи муҳаббат» – пешкаш ба донишвари эронӣ Алиасғари Ҳикмат; «Салом», «Ба Маяковский») бахшида шудаанд.

А. бунёдгузори насри воқеъгаро, бахусус насри реалистӣ ва жанрҳои мухталифи он дар адабиёти тоҷикии замони шӯравӣ мебошад. Сарчашмаи асосии пайдоиш ва ташаккули вуқӯъгӯӣ – воқеъгароӣ (реализм) дар эҷодиёти А. худи ҳаёт аст. Таҷрибаи зиндагии нависанда ва дахолати фаъолонаи ӯ ба равандҳои мураккаби ҳаёти ҷамъият, дидан ва дарк намудани падидаҳои наве, ки дар воқеият рух дода, моҳияти созандагӣ касб мекарданд, пояндагию бардавомии худро ба исбот мерасонданд ва тафаккури воқеъгароии ӯро равшантар менамуданд. Муҳим он будааст, ки А. ба роҳи аз бар кардани воқеъгароии асил роҳ паймудааст ва зина ба зина ҳолати тадқиқи бадеӣ ва ҳунари воқеъгароиашро такмил додааст. Дар ин амал таълифоти публитсистии ӯ яке аз василаҳои муҳим гардид. Фақат дар мач. «Шӯълаи инқилоб» 67 мақолаи публитсистии А. чоп шудааст. А. дар мақолаҳои худ аз рӯи бовар Револютсияи Октябрро чун воқеаи сиёсие, ки моҳияти амиқи инсондӯстона дорад ва олами кӯҳнаи истибдодро сарнагун карда, дунёи нави адолат бунёд месозад, тарғибу ташвиқ кардааст. А. дар онҳо аз ғамхории Ҳукумати Советӣ дар ҳаққи меҳнаткашони мазлум («Ҳукумати шӯроӣ ба мо чӣ дод?») ва кумаки моддию маънавӣ ба Армияи Сурх («Ба Асокири Сурх ёрӣ диҳед»), аз муносибати мамлакатҳои Шарқу Ғарб («Масъалаи Шарқ») ва тарбияву муҳофизати бачагон («Ба атфоли хурдсол ёрмандӣ намоед!»), аз дӯстию ҳамкории халқҳо сухан рондааст. Мубориза дар роҳи сарнагун сохтани дунёи истибдоди феодалӣ ва ба даст овардани озодию истиқлоли миллӣ, ки дар публитсистикаи А. мавқеи калон дошт, дар шаклҳои ҳамосӣ дар ҳикоя ва повестҳову романҳои ӯ тасвир ёфтаанд.

Аввалин повести А. – «Ҷаллодони Бухоро» с. 1920 таълиф ва дар мач. «Инқилоб» (1922) ба забони ӯзбекӣ чоп шуд. Дар он яке аз воқеаҳои таърихие, ки дар байни ду инқилоб – Инқилоби Октябр (1917) ва Инқилоби Халқии Советии Бухоро (1920) ба амал омада буд, тасвир ёфтааст. Ин воқеа муборизаи бебарори сарбозони инқилобӣ бо сардории Колесов дар роҳи сарнагун сохтани аморати Бухоро мебошад, ки аз тарафи қувваҳои мусаллаҳи амир пахш гардид. Нависанда воқеаҳои мудҳиши қатли омро, ки баъд аз фурӯ нишондани шӯриш дар арки амир (марти 1918) воқеъ гардида буд, тасвир намуда, нишон медиҳад, ки амир бо баҳонаи маҳв намудани ҷадидон барои несту нобуд кардани ҳар як озодфикр ва хайрхоҳи он фармон дод. А. аз номи як гурӯҳ ҷаллодон, ки рӯзона бо куштани мардум ва шабона бо бор карда бурдани мақтулон машғул буданд, ҳикоят карда, амалдорони давлати амирӣ ва «ҳомиёни ислом»-ро танқид ва мазаммату фош намудааст. Повест бо усули ҳикоя андар ҳикоя таълиф шудааст. Ҳар як ҳикоят як манзараи зиндагии амалдорони амир – қозӣ, аълам, миршаб ва мафкурабардорони золиму ҷоҳили давлати феодалӣ – шайху мулло ва эшону имомҳои мутаассибро тасвир менамояд, башараи ҳақиқӣ ва сирати манфури онҳоро нишон медиҳад. А. дар асар аз ҳаҷв кор гирифта, ба тавассути он зиддиятҳои иҷтимоиро таҳлил, асосу сарчашма ва решаҳои қабоҳати феодалиро ошкор кардааст. Яке аз қаҳрамонони асар – қаҳрамони мусбат худи нависанда аст, ки бо киноятҳои тунду тез ва танқиди бераҳмона Аморати Бухоро ва тамоми сарварони онро ба марг маҳкум кардааст.

Дар с-ҳои 20 а. 20 пас аз тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Марказӣ ва ташкил ёфтани РАСС Тоҷ. диққати А.-ро ҳаёти иқтисодӣ, маишӣ ва мадании мардуми кӯҳистон ба худ кашид. Мақолаҳои ӯ «Тоҷикони кӯҳистон», «Аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикони кӯҳистон», «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон», «Муносибати тоҷикони кӯҳистон ба Ҳукумати Шӯроӣ» ва диг. дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (1924) чоп шудаанд. Дар айни замон онҳо А.-ро барои таълифи аввалин повести воқеъгароёна «Одина» омода намуданд. Бо ин асар насри тоҷик ба роҳи тамоман тозаи ғоявию эстетикӣ – ба роҳи реализми суннатӣ дохил гардид. Ҳаёти мардуми ранҷбари замону макони муайян мавзӯи тадқиқи бадеӣ, намояндагони заҳматкашони одӣ қаҳрамони асосӣ, нобаробарии табақотӣ – низоъ ва садамаи асосӣ, масъалаҳои рӯзгори иҷтимоӣ мавриди тасвиру таҳлил ва ҷамъбастҳои бадеӣ, забони содаю равони оммафаҳм, услуби нави ифодаи фикр, ҳолати адабии фаҳмрас, манзаранигорӣ ва образофаринии табиӣ шакли баёни мақсади нависанда гардиданд.

Ҳамин хусусиятҳои эҷодии А. минбаъд рушд ёфтанд ва дар «Дохунда» (1930), ки якумин роман дар таърихи адабиёти тоҷики замони нав мебошад, пурратар ба зуҳур омаданд. Роман ба муҳимтарин масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ – муборизаи меҳнаткашон дар роҳи озодӣ, истиқлолияти миллӣ ва сохтмони ҷомеаи нав бахшида шудааст. А. як давраи мушаххаси таърихиро аз ибт. а. 20 то сеяки аввали он мавриди тасвир қарор дод, ки дар ин муддат инқилоб бо зӯр ҷамъияти истисморгарӣ (феодалӣ, буржуазӣ)-ро аз байн бурда, ҷамъияти сотсиалистиро барқарор кард. Қувваи асосӣ дар ин тағйироти сифатӣ оммаҳои халқ буданд, ки бо роҳбарии коммунистон амал мекарданд. Қаҳрамони романи «Дохунда» халқ буда, беҳтарин хислату фазилатҳои он дар симои Ёдгор ва Гулнор таҷассум ёфтаанд. Тадқиқи мавзӯи калони таърихӣ, тасвири силсилаи воқеаҳои марҳалавии сиёсию иҷтимоӣ ва тасвири ҳаракати таърихии халқ дар ҷодаи навсозии саразамини худ ба «Дохунда» вусъати ҳамосӣ (эпикӣ) бахшидаанд. Бақои ҳаёти халқ дар пайванди иҷтимоӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии наслҳо зуҳур мекунад. Ҷафою тааддие, ки Бозор аз дасти бойҳои золим медид, боиси худогоҳӣ ва бедории шуури иҷтимоии писари ӯ – Ёдгор гардиданд. Шиносоӣ ва сӯҳбатҳои коммунист Абдуллохӯҷаи инқилобчӣ бо Ёдгор дар зиндони Бухоро ӯро ба сафи муборизони озодӣ ва маслаки коммунистӣ ворид сохтанд. Дар солҳои инқилоб ва ҷанги шаҳрвандӣ Ёдгор ҳамчун сарбози диловар ва фидоии ҷасур обутоб ёфт. Ҳатто муносибати Ёдгор ба муҳаббат ва оила ба ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи нави ӯ иртибот гирифт. Агар Одина ба висоли Гулбибӣ расиданро барои худ бахту саодат шуморад, Ёдгор дар навбати аввал аз «душманон» пок кардани ватан, мустаҳкам намудани сохти шӯравӣ ва сипас ташкил додани оиларо боиси хушбахтӣ ва саодатмандӣ медонист. Гулнор низ аз ибтидо ҳамчун типи фаъол ва муборизи духтарони тоҷик тасвир шудааст. А. раванди рушду камоли ӯро низ вобаста ба тағйироти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ба тасвир мегирад. Гулнор ҳам барои бахти оилавӣ, ҳам барои озодии халқи худ мубориза мебарад. Гулбибӣ («Одина») агар рамзи асорат ва қурбонии занон дар шаро-



Садриддин Айнӣ ва гурӯҳи адибони тоҷик.

ити феодалӣ бошад, Гулнор тимсоли озодӣ ва хушбахтии онҳо дар замони нав аст. Ёдгор ва Гулнор – ин ду қаҳрамони асосии «Дохунда» аз диди А. типи инқилобчиён ва бунёдкорони ҳаёти тозаи озод мебошанд. А. дар «Дохунда» муборизаи шадиди ду дунё – феодализми фаношаванда ва сотсиализми навзуҳурро кӯшидааст бо умқу вусъати реалистӣ нишон диҳад. Аз ин рӯ, роман нишони зуҳури равшани тафаккури бадеии реалистии халқ аст. Манзараҳои ҳаёт ва образи қаҳрамонон, асосан, воқеъгароёна тасвир ёфтаанд. Баъзе персонажҳои мусбат (мас., Абдуллохӯҷа) бо номи аслии худ нишон дода шудаанд. Баъзе қаҳрамонҳо мас., Гулнор, аслнусха (прототип) доранд, ки Ҳабиба («Ёддоштҳо») аст. Персонажҳои манфӣ – босмачиҳо ва саркардаю роҳбарони ғоявии онҳо – Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Давлатмандбӣ, Дониёл, Эшони Султон, Анварпошшо, Орифов, Усмон Хӯҷаев, Алӣ Ризо, Салимпошшо ва диг. бо номи худ зикр ёфтаанд.

Дар услуби тасвиру тадқиқи бадеии воқеият ва образофаринӣ ҳамбастагии моҳиронаи анъанаҳои ҳамосасароии классикӣ, хусусан достонҳои қаҳрамонӣ, насри омиёна, омезиши эҷодкоронаи реализм ва романтизм ба кор гирифта шудааст, ки ин ҳама ҳамчун хусусияти хоси сабки адабии А. ва махсусиятҳои миллии эҷодиёти ӯ ба назар мерасад.

А. аз нимаи дуюми с-ҳои 20 а. 20 ният дошт, ки оид ба ғуломтозию ғуломфурӯшӣ дар Осиёи Марказӣ ва ба шарофати Инқилоби Октябр ба озодии ҳақиқӣ расидани ғуломони собиқ асаре таълиф кунад. Соли 1928 повести «Қулбобо»-ро ба забони ӯзбекӣ нашр кард. Аммо бо мақсади васеътар фаро гирифтани мавзӯи мазкур романи «Ғуломон»-ро (1934) офарид. «Ғуломон» ҳаёти халқи тоҷикро дар давоми бештар аз як аср (аз с. 1824 то 1933) дар бар мегирад. Романро аз ҷиҳати фарогирии воқеаҳои таърихӣ ва тасвири ҳамбастагии наслҳо бо романи М. Горкий «Кори Артамоновҳо» муқоиса кардан мумкин аст. Горкий як авлод ва се насли фабрикантҳои рус (Иля, Пётр ва Яков Артамоновҳо)-ро тасвир намуда, сарнагун шудани истеҳсолоти капиталистӣ ва ғалабаи неруи халқ-ро нишон медиҳад. Дар романи «Ғуломон» низ ҳаёти халқ ва муборизаи тезу тунди синфҳою табақаҳои ҷамъият бар зидди ҳамдигар дар мисоли авлодҳою наслҳо тасвир ёфтааст. Сардори ғуломтозону ғуломфурӯшон Қиличхалифа ва фарзандони ӯ, инчунин Абдураҳмон-сардор, ки ба ғоратгариҳои онон роҳбарӣ мекунад, типҳои гӯзаҷаллобон ва савдогарон – Абдураҳимбой ва Набӣ-полвон бо писараш Ӯрмон-полвон, бойҳои навбаромад Полвон-араб, Ҳаит-амин, Бозор-амин, Нормурод-полвон, Пӯлодбой бо писараш Абдуллобойбача, душманони ошкоро ва ниқобдори ҳаёти нав – Бобомурод такламачӣ, Хӯҷаназарбой, Ҳамдамфӯрма ва Қутбия – чунин аст номгӯи наслҳои ғуногуни истисморгарону мардумфиребон. Пуштибони ҳамаи онҳо ва ҳомии зулму золимӣ амирони манғит ва ҳукумати подшоҳӣ будаанд. Ҳарчанд ки дар аввал муқобилати ранҷбарон дар шакли эътирози заиф зоҳир мешавад, вале ин аз оғози бедории онҳо гувоҳӣ медиҳад. А. ба тасвир овардааст, ки ташаккул ва бедории шуури синфӣ раванди дуру дароз мебошад. Хоҳару бародар Зебо ва Некқадам (Раҳимдод), ки намояндагон насли якуми ғуломонанд, хеле заифу нотавон тасвир шудаанд. Минбаъд афзоиши зиддияти иҷтимоӣ, тезутунд гардидани муносибатҳои синфӣ, худогоҳии деҳқонон ва сабзиши шуури синфии онҳо реалистона акс ёфтаанд. Эргаш, Сафар ва Ғулом-Ҳайдар, ки насли дуюми авлоди ғуломонанд, тачассуми бадеии образи деҳқонони камбағал мебошанд. Онҳо дар роҳи адлу инсоф, ҳуқуқҳои одии инсонӣ ва ҳимояи манфиатҳои синфии худ фаъолона мубориза мебаранд. Реализми А. ба тасвири қонуниятҳои инқилобии тараққиёти ҷамъият асос ёфтааст. Дар «Ғуломон» таъкид шудааст, ки Инқилоби Октябр ва ғалабаи Инқилоби Бухоро тақдири таърихии халқи тоҷикро ҳал карданд. А. ин даврароб зиддиятҳо ва муракқаботаш ба таҳқиқи бадеӣ гирифтааст. Аз як тараф, ҳаракати ҷадидҳо, ки гӯё манфиати буржуазияи миллиро ифода мекарданд, вусъат меёбад (образи Шокир-ҷадид), аз тарафи дигар, қуввaҳои аксулинқилобии ҳукумати амирӣ ба амалиёт гузашта, дар қатори ҷадидҳо мардуми бегуноҳ, зиёиёни тараққипарварро низ аз зери теғ мегузаронидаанд. Ба муқобили ин ҷараёнҳо ҳаракати инқилобии коргарон ва деҳқонони камбағал ба вуқӯъ мепайваст, ки ба он коммунистон роҳбарӣ менамуданд (образи Ӯрун-наркалла). Деҳқонони ранҷбар Сафар-Ғулом, Эргаш, Қулмурод, Рӯзӣ, Юсуф, Комил бо роҳи ҳақиқат ва адолат рафта ба озодӣ расиданд. Дар «Ғуломон» на танҳо ғалабаи инқилоб, балки иттиҳоди мардумони заҳматкаш ба муқобили босмачиён, ислоҳоти обу замин, сохтмони ҳаёти колхозӣ чун ғалабаи сотсиализм дар деҳот низ тасвир карда шудаанд. А. шаклҳои гуногун гирифтани муборизаи синфӣ, ба майдони фаъолият баромадани типҳои нави иҷтимоӣ, ҳолати равонии деҳқони миёнаҳол (образи Содиқ), амали кулакҳо ва диг. боқимондаҳои табақаи ҳукмрон ва амсоли инҳоро таҳлилу тасвир карда, ғалабаи ғояҳои сотсиализмро дар

ҳаёт ва шуури мардуми заҳматкаш нишон медиҳад, ташаккули типҳои нави одамон (Сафар, Эргаш, Муҳаббат, Ҳасан, Фотима ва диг.)-ро натиҷаи ҳамин табаддулоти азими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мешуморад. А. барои даст ёфтан бо тадқиқи мӯътамади реалистӣ бисёр образҳоро дар асоси ашхоси ҳаётӣ (прототипҳо) ва қувваи тахайюли бадеӣ офарида, аз далелу арқоми таърихӣ, ҳуҷҷатҳо, мактубҳо, васиқаҳо, санаду рақамҳо низ истифода кардааст. Иртиботи замону макон, вақту фазо, фард ва ҷамъият, реалияти ашхос ва ашё дар «Ғуломон» хеле хуб риоя шудааст, ки далели равшани ҳуҷҷатписандии А. ва садоқати ӯ ба ҳақиқати ҳаводиси воқеӣ мебошад. Муҳаққиқон повести «Одина», романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон»-ро асари сегонаи махсус номидаанд. А. бо ин асарҳо хостааст роҳи мураккаби халқи тоҷикро аз зиндагии ғуломона ба инқилоб ва сохтмони ҳаёти нав нишон дода, қувваи бузург ва талоши халқро дар ин ҷода тасвир ва ҳаёти навро тасдиқ намояд. Ин китобҳои А. мактаби реализми сирфро дар адабиёти тоҷик пойдор гардонданд, дар риштаи забон ва тарзи баён услуби сода ва оммафаҳмро пеш гирифта, забонро демократӣ карданд.

Насри А. дар с-ҳои 30 а. 20 ҳаматарафа рушд намуд, аз ҷиҳати мавзӯю масъала, анвои адабӣ, сабк, образҳои нав ғанӣ гардид. Нависанда паҳлуҳои тозаи зиндагиро мавриди тасвиру тадқиқ қарор дод. Повести «Мактаби кӯҳна» (1934) усули қолабии таълиму зӯргуни тарбияро дар мактабҳои гузаштаи динӣ маҳкум мекунад. А. ба Соктаре, Панҷакент ва Хуҷанд сафар карда, очеркҳои «Колхози «Коммунизм» (1934), «Ҷашни таърихӣ», «Тирози ҷаҳон»-ро (ҳар ду 1936) таълиф намуд. Очеркҳои мазкур аз рӯи дастурҳои таърихии муқоисаи дирӯзу имрӯз, ҳаёти гузашта ва шӯравӣ таълиф ёфта, дастовардҳои замони навро дар соҳаҳои хоҷагӣ ва маданӣ нишон медиҳанд. Дар эҷодиёти А. повести ҳаҷвии «Марги судхӯр» (1936) асари марҳилавӣ гардид. Дар он масъалаи судхӯрӣ, ки дар Осиёи Миёна, хусусан дар Бухоро ва қаламрави он, паҳн гардида буд, ҳамчун як раванди иҷтимоӣ тасвиру таҳлил шудааст. Қаҳрамони асар Қорӣ Ишкамба худро марди порсо вонамуд кунад ҳам, дар ситондани фоидаи қарзҳое, ки ба мардуми мӯҳтоҷ медод, тамоми қоидаю қонунҳои шариатро пушти по зада, онҳоро бераҳмона тороҷ ва ғорат мекард. А. эътирози сахт ва нафрату ғазаби бепоёни муздурони шаҳр ва деҳқонони деҳотро нисбат ба судхӯрӣ нишон додааст. Нависанда Қорӣ Ишкамбаро ҳамчун таҷассуми бераҳмӣ, фалокати иҷтимоӣ ва хонахаробии мардум тасвир мекунад. Дар офариниши образ ва характери ӯ А. тамоми воситаҳои тасвири ҳаҷвиро ба кор гирифтааст. Вай дар образи Қорӣ Ишкамба сифатҳои шахсӣ ва хислатҳои умумии судхӯронро акс намуда, типи барҷастаи иҷтимоиро офаридааст. Соли 1952 А. повести «Марги судхӯр»-ро дубора таҳриру такмил кард. Дар таҳрири нав оммаи меҳнаткаш, хусусан деҳқононро тороҷ кардани Қорӣ Ишкамба, бо мисолҳои равшан ва мушаххас тасвир шудааст. Вексел ҳамчун як ҳуҷҷати қатъии молӣ дар дасти Қорӣ Ишкамба воситаи нави тороҷгарӣ мегардад. Нависанда вусъат ёфтани доираи фаъолияти судхӯрии Қорӣ Ишкамбаро ба деҳот, деҳқонони содаро ба доми худ кашидани ӯ, рақобату зиддиятҳои байни судхӯрони шаҳру деҳот ва дар тороҷи деҳқонон иштирок кардани намояндаи ҳукумати Бухороро (Мирзохӯҷа) нишон додааст. Муҳимтар аз ҳама А. ба эътироз омадани деҳқонон, ба тарзи пинҳонӣ аз судхӯр интиқом гирифтани онҳоро ҳаққонӣ тасвир мекунад. Дар илми адабиётшиносӣ Қорӣ Ишкамба бо қаҳрамонони мазҳакаҳои Молйер, бо Шайлоки Шекспир, Гобсеки Балзак, Ҳоҷӣ Оқои Содиқ Ҳидоят, ки ҳокими пулу моланд, наздик дониста шудааст. А. дар образи Қорӣ Ишкамба ягон хислати мусбатро тасвир накардааст. Вай бандаи пул аст ва барои пул ҷон медиҳад. Илова ба ин ӯ хасису мумсик, мунофиқу бераҳм, чиркину ифлос ва пурхӯри гузарост. Ғояи асосии асар ҳалокати дунёи истисморгарию муфтхӯрӣ ва тороҷгарию судхӯрист. Марги муфоҷои Қорӣ Ишкамба, ки ба муносибати ба хазинаи халқи ранҷбар гузаштани пулҳояш иттифоқ афтод, рамзи несту нобуд шудани Аморати Бухоро ва муносибати беадолатонаи феодалист. Қиссаи мазкур аҳамияти худро имрӯз низ аз даст надодааст. Повести «Ятим» (1940) ба масъалаи нав – ватандӯстии ҳақиқӣ ва тарбияи интернатсионалии наслҳои наврас ва ҷавон бахшида шудааст. А. саргузашти пурдарду алами Шодӣ Мурод (Ятим) ном писареро тасвир кардааст, ки баъд аз Инқилоби Бухоро ӯро хӯҷаинаш Эшонқулбой ҳамроҳи молҳояш зӯран ба хорича бурда буд. Ҳаёти вазнини тоқатфарсо дар хорича, зулму асорати бой водор карданд, ки ӯ ба Тоҷикистони тозабунёд баргардад. А. ғамхории сарҳадчиён, парастории мураббиёни сағирхона, меҳрубонию шафқати муаллимонро нишон медиҳад. Ташаккули оилаи гуногунмиллати ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳими повест мебошад, ки сардори он Юрий Сенчиков гӯё «аз дӯстдории одамҳо сохта шуда буд» (Кулл., ҷ. 6, саҳ. 322). Дар ҳамин муҳит Шодӣ Мурод ҳамчун ҷавони ватанхоҳ ва башардӯст тарбия ёфта, тамоми ҳастиашро ба ҳифзи сарҳадҳои муқаддаси кишвар мебахшад. Тасвиру тадқиқи бадеии ҳаёти халқи тоҷик дар гузаштаи таърихӣ ва замони шӯравӣ дар асарҳои А. «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» ва «Ятим» инъикос ёфта, таъсири мафкураи коммунистӣ каму беш мушоҳида мешаванд. А. ба таърих асосан аз мавқеи синфӣ, на аз мавқеи умумибашарӣ назар афкандааст.

Ғояҳои олии ватанхоҳӣ пайваста бо даъвати оташини тамоми халқ дар мубориза бар зидди фашизм дар солҳои ҶБВ (1941 – 45) тамоми осори А.-ро фаро гирифт. Очеркҳои адабии таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (1944) ва «Исёни Муқаннаъ» (1944), як силсила мақолаҳои публитсистӣ ва фелетонҳои А., ки мундариҷаи амиқи ватандӯстӣ доштанд, ҳофизаи таърихии халқро дар бораи ватандӯстӣ ва ифтихор аз аҷдоди бузургу ҷасури худ аз нав зинда карда, мардумро ба муборизаи зидди душманон сафарбар мекарданд. Образҳои шахсиятҳои таърихӣ – Муқаннаъ (пешвои шӯриши халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили Хилофати араб дар а. 8) ва Темурмалик (ҳоким ва сарлашкари Хуҷанд, сарвари муборизаи халқ бар зидди истилогарони муғул дар а. 13) ҷанговарони шӯравиро дар мубориза барои озодии Ватан бар зидди фашизм қувваю қудрат ва рӯҳу илҳоми шикастнопазир мебахшиданд.

Дар даврai пас аз ҷанг насри бадеии А. асосан аз «Ёддоштҳо» (ҷ. 1, 2, 1947 – 48, Мукофоти давлатии СССР – 1950; ҷ. 3, 1950; ҷ. 4, 1954) иборат буд. «Ёддоштҳо» асари ҷамъбастии эҷодиёти А., яке аз шоҳасарҳои адабист. Дар чор ҷилди «Ёддоштҳо», ки ҳаёти халқи тоҷикро дар с-ҳои 80 ва 90 а. 19 фаро мегирад, А. зиндагонии халқро бо фарогирии муҳимтарин масоил ва чузъиёт пурра тасвир кардааст. «Ёддоштҳо»-ро қомуси рӯзгори мардуми тоҷик дар чоряки ох. 19 номидан мумкин аст. Нависанда таъри-

хи гузаштаро аз мавқеи замони худ таҳлилу тадқиқ ва ҷамъбаст намуда, ба равандҳои иҷтимоии ҳаёти ҷамъият баҳои холисона медиҳад. Дар «Ёддоштҳо» на танҳо ҷиҳатҳои мусбату манфии рӯзгори мардум, балки хислату характер ва ҷаҳонбинии намояндагони синфҳо ва табақаҳои гуногуни ҷамъият низ аз чандин паҳлу нишон дода шудааст. А. бо тасвири эътимодбахш собит мекунад, ки ҷабру зулми феодалӣ дар шаклҳои ваҳшиёна ва қабеҳтарин то дараҷае инкишоф дошт, ки қисми пешқадами халқ аз он ба эътирози иҷтимоӣ, исён ва ҳаракатҳои озодихоҳона ҷавоб медоданд. Муросо накардан бо зиндагии мавҷудаи феодалӣ ва ҷустуҷӯ барои дарёфти ҳақиқату озодӣ доираҳои гуногуни заҳматкашон, соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, мазмуну моҳияти афкори сиёсию иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаро фаро мегирифт. Урфу одатҳои кӯҳнаи анъанавиро дарҳам шикаста, барои ишқу муҳаббат талош кардани Ҳабиба, ба роҳи интиқом аз золимон ва бойҳо даромадани Шукурбеки «дузд», корхонаи рехтагариро оташ задани ҳунармандон ва косибон, роҳҳои озодиро ҷустуҷӯ карда, барои нест кардани золимон мардумро ба мубориза даъват намудани Мулло Амон, аз Аҳмади Дониш сар карда то худи А. ба танқиди дарбор ва ошкор сохтани нуқсонҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии аркони давлати феодалӣ пардохтани маорифпарварон ва диг. зиёиёни равшанфикр – чунинанд баъзе манзараҳои худогоҳии халқ ва бедории иҷтимоии он, ки дар «Ёддоштҳо» тасвир ёфтаанд. Хусусияти дигари муҳими асари мазкур дар ҳамин аст, ки А. дар он решаҳои таърихии пайдоиши дӯстии халқҳоро ба тасвир гирифтааст. Аз ҷумла, нависанда сиёсати мустамликадории Россияи подшоҳӣ ва зулму ситами мансабдорони онро мазаммат кунад ҳам, инсондӯстии намояндагони одии халқи русро махсусан таъкид менамояд. Тамоми воқеаҳои асар аз номи Садриддин нақл мешавад, вале қаҳрамони асосии он халқ аст. Халқ дар «Ёддоштҳо» бо тамоми бузургӣ ва азамат, қувваи ҷисмонӣ ва маънавӣ, сифатҳои созандагии ҳамешагиаш тасвир шудааст. Садриддин ҷузъи ҳамин гуна халқи тавоност. Дар ҷараёни рушду камоли Садриддин беҳтарин сифати халқ дар симои ӯ таҷассум меёбанд. Вай меҳнатқарин, илмдӯст, хушахлоқ, таҳаммулпазир, дар роҳи дӯстию рафоқат содиқ, шахси эҷодкор ва тараққипарвар аст. Дар «Ёддоштҳо» тасвир шудааст, ки ӯ аз муҳити оила сар карда то муҳити мадраса, аз деҳот то ба шаҳр сифатҳои беҳтарини халқи худро ба мерос гирифтааст ва онро инкишоф медиҳад. Саидмуродхоҷа, Усто-амак, Тӯтапошшо, Лутфулло-гӯппон, Шукурбек, Ҳабиба, Маҳмуди Гав ва дигарҳо образҳои намояндагони халқанд, ки дар сабзишу камолоти Садриддин аз ягон ҷиҳат таъсир доштаанд. А. образи намояндагони зиёиёни пешқадамро дар симои Мулло Туроб, Ҳоҷӣ-махдум, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва дӯстону шогирдони ӯ тасвир кардааст. Тавоноии маънавию ахлоқии халқ дар муқобили беинсофию золимии синфҳои ҳукмрон гузошта шудааст. «Ёддоштҳо» дар шакли новеллаю ҳикоятҳои ҷудогона таълиф шудааст. А. шаклҳои хеле гуногуни типсозиро низ ба кор бурдааст. Ҳам қаҳрамони асосӣ, ҳам дигар персонажҳо бо номи аслиашон ёд шудаанд, вале дар тасвирҳо бомаврид аз тахайюли бадеӣ низ баҳра гирифта шудааст. Асари мазкур аз ҷиҳати жанр ёддошти бадеӣ буда, дар он услубҳои ҳамосӣ (эпикӣ), ғиноӣ (лирикӣ) ва илмии публитсистӣ истифода шудаанд. А. дар тасвири образи қаҳрамонони мусбат ташбеҳу тавсифҳои рангин ва диг. санъатҳои бадеиро ба кор бурда, дар нигориши чеҳраи персонажҳои манфӣ аз шаклҳои гуногуни тасвирҳои ҳаҷвӣ бештар истифода кардааст. Дар «Ёддоштҳо» анъанаҳои ёддоштнависии миллӣ ва таҷрибаи адабиёти рус, хусусан М. Горкий, синтез гардида, боиси ба миён омадани як асари навоварона шуданд, ки дар адабиёти халқҳои Шарқ, бахусус Осиёи Марказӣ пайравони зиёде пайдо кард. А. июни с. 1917 ба Самарканд омад ва то окт. с. 1920 дар гузари Суфӣ Розиқ дар хонаҳои дӯстонаш зиндагӣ кард. Дар ҳамин ҷо ва дар ҳамин муддат вай асаре бо номи «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ё «Таърихи усули савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таълиф намуд ва онро барои ба табъ расондан ба Бухоро фиристод. Аммо дар Бухоро ин асар «гум шуд». То охири умр А. дар ҷустуҷӯ ва орзуи дарёфти ин асар буд. Ба фарзандаш Камол Айнӣ васият кардааст, ин асарро пайдо карда, чун ҷ. 5-уми «Ёддоштҳо» ба табъ бирасонад. Китоби мазкур с. 2005 дарёфт шуд ва чун ҷ. 14-уми «Куллиёт»-и А. дар ш. Душанбе ба табъ расид.

А. олим ва донишманди бузург буд. Дар маҷ. «Шӯро» (1912, № 2) нахустин мақолаи ӯ дар бораи Бедил ба забони тоторӣ чоп шуд. Тадқиқоти минбаъдаи А. ба таърихшиносӣ, кишваршиносӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносии нави тоҷик асос гузоштанд. Ӯ луғатшинос ва мусиқидон ҳам буд. Очерки илмии А. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923) аввал бо номи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм ронданд» дар маҷ. «Шӯълаи инқилоб» (1920 – 21) порча-порча чоп шудааст. Асари мазкур ҳукмронии амирони манғитиро дар Бухоро аз аҳди Раҳимхон ибни Ҳаким Отолиқи манғит (1747) то сарнагун шудани охирин намояндаи ин хонадон амир Олимхон (1920) дар бар гирифта, тохтутоз, ҷангҳо ва зулму ҷабри онҳоро нисбат ба аҳолии бегуноҳ нишон медиҳад. Очерки дигари ӯ «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро» (М., 1926, ба забони ӯзбекӣ) аз давраи мулки хусусӣ шудани ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро (дар аҳди Шоҳмурод; ҳукмр. 1785 – 1800) то ғалабаи Инқилоби Октябр ҷараёни худогоҳӣ, бедории иҷтимоӣ, ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва озодихоҳии халқ ва зиёиёни миллии он – ҷадидҳо, воқеаи Колесов ва диг. амалиёти зиддиамириро фаро мегирад.

А. асосгузори адабиётшиносии нави тоҷик мебошад. «Намунаи адабиёти тоҷик», ки таърихи бештар аз ҳазорсолаи адабиёти форс-тоҷикро то аввалин падидаҳои адабиёти тоҷикии замони шӯравӣ дар бар кардааст, якумин тадқиқоти бузурги ӯ оид ба мероси маънавии халқи тоҷик мебошад. Дар шароите, ки пантуркистон, ба қавли худи А., «бар зидди барпо шудани Ҷумҳурияти Советии Тоҷикистон» иғво паҳн карда, «дар Осиёи Миёна тоҷик ном як халқ нест, инҳо хамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадраса забони худро гум кардаанд» мегуфтанд, «Намунаи адабиёти тоҷик» бо далелҳои таърихӣ «пардаи он иғвогаронро даронид ва ба даҳони онҳо мӯҳри хомӯшӣ зад» (Кулл.,ҷ.1, саҳ. 97). А. баъдтар ҳамчун яке аз муҳаррирони «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) дар ҳозир кардани ин китоби дастҷамъӣ ба чоп ва дар илм истифода бурдани истилоҳи «адабиёти тоҷикӣ-форсӣ» хизмати бузургеро анҷом дода, муштараконе мероси адабии тоҷикону форсҳо (эроniҳоро) ба исбот расонд. Ин истилоҳ дар илми шарқшиносии ҷаҳон эътироф шудааст.

Тадқиқоти «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934), «Шайхурраис Абуалӣ Сино» (1939), «Устод

Рӯдакӣ», «Камоли Хуҷандӣ» (ҳар ду 1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1940 – 42), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ва ғ. мақоми ҳар яке аз ин алломаҳои илму адабиётро дар таърихи фарҳанги тоҷикӣ муайян намуданд ва дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти онҳо сухани тоза ва бозёфти нодир мебошанд. А. ҳаёт ва эҷодиёти Восифиро муддати мадиде омӯхта, чандин мақола чоп кунонид ва ниҳоят с. 1946 асари муҳимеро бо унвони «Восифӣ ва хулосаи «Бадеъ-ул-вақоеъ» анҷом дод, ки он с.1956 интишор ёфт. А. дар мустаҳкам гардонидани равобити илмию адабии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳми калон гирифтааст. Ҳамчун алломаи зуллисонайн аз солҳои аввали Инқилоби Бухоро дар ин самт кор кард, с-ҳои 1946 – 50 мудири кафедраи адабиёти ӯзбеки Ун-ти давлатии Самарқанд буд. Монографияи А. «Алишер Навоӣ» (1948), ки замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол, фаъолияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва эҷодии шоири бузурги ӯзбек Алишери Навоиро бо иловаи шеърҳои мунтахаби форсӣ-тоҷикиаш (бо тахал. «Фонӣ») фаро гирифтааст, ҳамчунин дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии ӯро бо классики адабиёти форс-тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ мушаххас нишон медиҳад. Худи А. дар зиндагӣ ва фаъолияти эҷодию илмиаш ҳамин анъанаро идома дод ва ғанӣ гардонид. Солҳои 20 а. 20 гузашта дар Шӯравии собиқ ҷараёни ба истилоҳ «сохтмони забонҳо» оғоз гардид, ки он масъалаҳое чун табдили алифбо ва муайян кардани меъёрҳои забони адабии муосирро дар назар дошт. Албатта, ин чорабинии сиёсӣ буд ва ба амал баровардан аш кори иҷборӣ. А. ҳамроҳ бо дигар аз аҳли илму адаби тоҷик дар ин раванд кӯшиш кард, то алифбои наве тартиб дода шавад, ки ба табиати овоии забони тоҷикӣ мувофиқ ва аз бар кардан аш осон ва забони адабӣ забони содае бошад, ки ҳам ба мардуми одии тоҷик ва ҳам ба ҳамаи форсизабонон фаҳмо ва дастрас бошад. Агар ӯ бо мақолаҳои худ оид ба масъалаҳои забони тоҷикӣ («Китобҳои тоҷикӣ», «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Дунёи нав ва алифбои нав» ва ғ.) асоси назариявии услуби нави забони адабии тоҷик, роҳҳои демократӣ гардонидани онро нишон дода бошад, бо асарҳои бадеии худ намунаҳои равшани содабаёниро ба майдон гузошт. Забони А. забони оммаҳои васеи халқи тоҷик гардид. А. дар тамоми марҳилаҳои эҷодиёти худ сабки сода ва фаҳмоpро пеш гирифтааст.

А. «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-ро (1938) аз дасти таҳрир баровард, ки он ҷ. 12 «Куллиёт»-и ӯро (1976) ташкил мекунад. *«Луғати русӣ-тоҷикӣ»* (ҷ-ҳои 1 – 2; 1933 – 34) зери таҳрири А. чоп шудааст. Ӯ яке аз муҳаррирони *«Луғати тоҷикӣ-русӣ»* (1940) буд.

Эҷодиёти А., хусусан насри реалистии ӯ натиҷаи ба ҳам пайванд додани беҳтарин анъанаҳои адабиёти Шарқ ва Ғарб мебошад. А. аз адабиёти форс-тоҷик сар карда, то адабиёти туркизабон ва араб тамоми сарватҳои маънавии халқҳои Шарқро аз худ карда буд. Романтизми адабиёти Шарқ бо реализми рус ба ҳам омехта, дар эҷодиёти А. сифатҳои тоза пайдо кард. А. борҳо дар бораи таъсири таҷрибаи эҷодии А. С. Пушкин ва Н. В. Гоголь, А. П. Чехов ва В. В. Маяковский ба эҷодиёти худ суҳан рондааст. Ӯ махсусан омӯзиши самарабахши худро аз М. Горкий таъкид кардааст. А. дар анҷумани 1-уми нависандагони СССР дар Москва бо М. Горкий бевосита шинос ва ҳамсӯҳбат шуда буд. А. дар мақолаҳояш дар бораи М. Горкий «Зиндаи абадӣ» (1936), «Омӯзиши ман аз Максим Горкий» (1937), «Хотираи фаромӯшношудании устоди бузург» (1938, ба забони ӯзбекӣ), «Симои фаромӯшнашаванда» (1946), «Падари тарбиятгари адабиёти советӣ» (1951) ӯро устоди худ ҳисобидааст. А. дар ин замина хизмат кардан ба халқу Ватан ва адабиётро вазифаи муқаддаси ҷамъиятии худ қарор дод, таълиму тарбияи нависандагони ҷавонро ба ӯҳда гирифт, равнақу ривоҷ додани адабиёти ҳарбии ватандӯстонаро яке аз муҳимтарин вазифаҳои худ донист. А. ба таърих, ба ҳофизаи таърихии халқ беҳтару бештар диққату эътибор медодагӣ шуд, сабақҳои таърихиро барои имрӯз ва оянда ба кор гирифт. А. иқрор кардааст, ки ӯ дар эҷоди бадеӣ истифода бурдани фолклор – зарбулмасал, мақол, латифаҳои халқӣ, афсонаю ривоят, суруду тарона ва ғ.-ро аз Горкий омӯхтааст. Истифодаи фолклор яке аз рукнҳои халқияти эҷодиёти А. мебошад. Офаридани типҳои мухталифи иҷтимоӣ, характерҳои барҷаста, симои муаззами халқ, образҳои нотакрор, хубӣ ва қабоҳатҳои зиндагӣ, умуман ҳунари воқеъгароии асил аз бисёр ҷиҳатҳо ба омӯзиши эҷодии таҷрибаи ғоявию эстетикии Горкий вобаста будааст.

А. таҷрибаи ёддоштнависии миллиро дар эҷодиёти худ моҳирона корбаст кард ва аз таҷрибаи адабии нависандагони диг. халқҳо низ истифода кард. Омӯзиши таҷрибаи адабии Горкий махсусан дар таълифи «Ёддоштҳо» самараи хуб дод. «Ёддоштҳо»-ям, ки диққати хонандагони советиро ба худ ҷалб кардаанд, – иқрор мекунад А., – асосан бо таъсири илҳомбахши «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва дигар ҳикояҳои ёддоштии ин устоди бузург таҳрир ёфтаанд» (Кулл., ҷ. 11, кит. 1, саҳ. 250). А. ёрмандии дастҷамъонаро ба ҳамдигар дар роҳи пешрафти кори адабӣ аз сабақҳои муҳими эҷодӣ медонист. Ӯ ба Горкий пайравӣ карда муҳокимаи дастҷамъии дастнависи асарҳоро ба ҳукми қоида даровард ва ин корро аз муҳокимаи асари худ «Марги судхӯр» сар кард. Дар ин масъала А. барпо кардани самимият ва муҳаббатро дар байни аҳли адаб шарт ва зарур мешуморид, ки ин ҳам анъанаи Горкий будааст.

А. падари тарбиятгари адабиёти тоҷик ва диг. адабиёти Шарқ дар замони шӯравӣ ва ба баъди он аст. Нуфуз ва таъсири мактаби А. дар инкишофи адабиёти миллатҳои гуногуни шӯравӣ баҳснопазир мебошад. Мактаби бузург ва гуногунҷабҳаи реалистии Шарқ пеш аз ҳама бо номи А. вобаста аст. Инро М. Авезов, С. Муқанов, Ч. Айтматов, М. Ҳусейн, Ғ. Ғулом, Б. Карбобоев ва диг. иқрор карданд. Мавқеи мақоми А. дар зуҳуру инкишофи воқеъгарой ва халқият дар адабиёти Шарқи хориҷа низ бузург мебошад, ки онро донишманди Эрон Саид Нафисӣ дар Анҷумани 2-юми нависандагони СССР таъкид карда буд. Дарвоқеъ дар кишвари Эрон ба нашр ва таҳқиқи мероси адабӣ ва илмии А. таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунанд. Донишмандони ҶИЭ ҷаҳор ҷилди «Ёддоштҳо», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва баъзе диг. асарҳои А.-ро бо сарсуханҳои муфассал ва тавзеҳоти илмӣ ба чоп расондаанд. Онҳо бахусус ба забони ширин, бетакаллуф ва рангину равони А. баҳои баланд медиҳанд, забон ва сабки «Ёддоштҳо»-ро бо шеваю услуби «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ муқоиса мекунанд. Нависандагон ва олимони Эрон исми шарифи А.-ро дар радифи номҳои бузургтарин шоирон – Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Афзалиддин Хо-

қонии Шервонӣ гузоштаанд. А. ба сифати классики адабиёти Шарқ шинохта шудааст. Конференсияи 2-юми нависандагонии мамлакатҳои Осиё ва Африка (Қоҳира, 1962) дар баённомаи худ таъкид кард: «Мо дар инкишофи тафаккур ва бедории худ аз асарҳои бисёр адибони гумном, инчунин нависандагоне ба мисли Робиндронат Такур, Лу Син, Садриддин Айнӣ ва Таҳо Ҳусайн миннатдору шукргузор ҳастем». Нависандагон ва донишмандони Ғарб номи А.-ро бо Ҷек Лондон, Киплинг, Горкий, Кнут Гамсун дар як қатор гузоштаанд. Алфред Курелла, шоир, носир ва тарҷумони немис менависад, ки Айнӣ таҷассуми робитаи самарабахши маданияти ҷаҳонӣ – шарқӣ ва ғарбӣ мебошад. Ин аст, ки 100-солагии зодрӯзи А. (1978) бо қарори ЮНЕСКО дар миқёси байналхалқӣ ҷашн гирифта шуд. Осори А. аз с-ҳои 20 а. 20 ин ҷониб ба забони русӣ, 17 забони халқҳои собиқ шӯравӣ ва 12 забони хориҷӣ тарҷумаю нашр шудаанд.

А. аз с.1933 нафақахӯри шахсӣ бошад ҳам, то охири умр дар хизмати давлат, халқ, илму адабиёт буд. Депутати Совети Олии СССР (1950; 1954) ва Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 2). Бо ордени Нишони Меҳнати РСС Тоҷ. (1931), се ордени Ленин (1941, 1948, 1949), ордени Байраки Сурхи Меҳнат (1953) сарфароз гардидааст.

Ос.: Кулл., ҷ. 1 – 14. Д., 1958 – 77, 2005; Мактаби кӯҳна, Д., 2010; Намунаи адабиёти тоҷик (таҳия ва нашри китоб бо кӯшиш ва зери назари К. Айнӣ ва Н. Қосим), Д., 2010; Намунаи адабиёти тоҷик (аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи М. Акбарзод), Д., 2010; Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, дар кит. Энсиклопедияи насри тоҷику форс, Д., 2010.


Ад.: Ҳошим Р., Пире, ки чавон шудааст, Л., 1937; ҳамон муалл., Сухан аз устодон ва дӯстон, Д., 1983; Табаров С., Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти советии тоҷик, Сталинобод, 1954; ҳамон муалл., Ҳаёт адабиёт, реализм, Д., 1966; ҳамон муалл., Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875 – 1899), Д., 2008; Маниёзов А., Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ (1918 – 21), Сталинобод, 1958; Сайфуллоев А., Образи қаҳрамонони мусбати мубориз дар романҳои устод Садриддин Айнӣ, Сталинобод, 1960; ҳамон муалл., Романи устод С. Айнӣ «Дохунда», Д., 1966; ҳамон муалл., Мактаби Айнӣ, Д., 1978; ҳамон муалл., Садриддин Айнӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон, Х., 1998; «Ҷашнномаи Айнӣ», ч-ҳои 1 – 11, Д., 1960 – 78; Азизкулов Ҷ., Муллочонова З., Фехристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ (то охири с. 1961), Д., 1963; Муллочонова З., Файзуллоев Н., Фехристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ (солҳои 1962 – 76), Д., 1978; Ҳалимов С., С. Айнӣ – лексикограф, Д., 1964; Шукуров М., Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, Д., 1968; ҳамон муалл., Садриддин Айнӣ (бо ҳуруфоти арабӣ), Д., 1978; Равшангари бузург, Д., 2006; Садриддин Айнӣ дар хотири дӯстон ва шогирдон, Д., 1968; Брагинский И. С., Ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ, Д., 1968; ҳамон муалл., Проблемы творчества Садриддина Айни, Д., 1974; Маъсумӣ Н., Ас. мунт. Иборат аз ду ҷилд, ҷ. 1, Д., 1977; ҷ. 2., Д., 1980; Раджабов З. Ш.,Садриддин Айнӣ – историк таджикского народа, Сталинабад, 1951; Ниёзов Х. Н., Путь Садриддина Айни – поэта, М., 1965; Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ.-ҳои 1, 2, 4, 6, Д., 1978 – 84; Асимов М., Брагинский И., Садриддин Айнӣ, М., 1978; Фиш Р., Хашим Р., Глазами совести, М., 1980; Айни Х., Жизнь Садриддина Айни, Д., 1982; Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ (таҳия ва тавзеҳи Х. Отахонова), Д., 2003; Имомов М., Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ, Д., 2007; Раҳмонов Ш., Шеър ва Айнӣ, Д., 1994; Асозода Х., Иловаҳо ба шарҳи ҳоли С. Айнӣ (дастури таълимӣ), Д., 2004; ҳамон муалл., Вокеият, сиёсат ва С. Айнӣ, Д., 2010; Набавӣ А., Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср, Д., 2009; Садриддин Айнӣ – бузурге аз дунёи форсизабон. Муаллиф ва мураттиб Н. Аслонова., Д., 2010; Мактаби адабии Устод Садриддин Айнӣ, Д., 2010.

А. Сайфуллоев, А. Набавӣ.

АЙНӢ, ноҳия дар вил. Суғд, дар қисми болооби д. Зарафшон. То с. 1930 ба волостҳои Фалғар ва Искандара дохил мешуд. Солҳои 1930 – 1955 Заҳматобод ном дошт. 26. 1. 1955 номи Айниро гирифт. 4. 1. 1963 ба ноҳ. Панҷакент ҳамроҳ карда шуд. Аз маркази ноҳия то ш. Ҳуҷанд 170 км; то ш. Душанбе 130 км. Масоҳ. 5,2 ҳаз. км². Аҳолиаш 75686 наф. (2009), тоҷикон. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 14,5 нафар. А. дорои 7 ҷамоати деҳот (Айнӣ, Анзоб, Дардар, Рарз, Урметан, Фондарё, Шамтуч) ва ҷамоати шаҳраки Зарафшон аст. Маркази ноҳия – шаҳраки Айнӣ.

А. ноҳияи кӯҳӣ буда, сатҳаш ноҳамвор аст. Ҳудуди онро аз Ш. ва Ғ. қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор бурида мегузаранд. Теғаҳои кӯҳ аз с. б. 3500 – 4000 м, қ.-ҳои алоҳида то 5000 м ва аз он ҳам баландтаранд (Чимтарға, 5494 м). Нуқтаи пасттарин (дар ғарбтари деҳаи Урметан) – 950 м. Водии дарёҳо танг ва чуқуранд. Деҳаҳои калон ва заминҳои корам асосан дар водиҳо, суфаҳои қадими д. Зарафшон ва Фондарё ҷойгиранд. Иқлими ноҳия континентӣ, тобистони водиҳои Зарафшону Фон гарму хушк, зимистонаш мӯътадил. Дар водиҳо ҳарор. миёнаи июл 17 – 21°С, янв. –1, –3°С. Дар кӯҳҳо тобистон салқин ва нисбатан кӯтоҳ (ҳарор. миёнаи июл 15 – 18°С), зимистон сард (ҳарор. миёнаи янв. –7 –13°С); миқдори боришоти солона дар водиҳо 160 – 190 мм, дар кӯҳҳо аз 230 – 350 мм то 400 мм. Хокҳои ҳудуди А. хокистарранг, дар баландкӯҳҳо ҷигарранг мебошанд. Набототи водиҳою адирҳо (то баландии 1500 м) хусусияти биёбонӣ ва нимбиёбонӣ доранд. Дар боғот дарахтони мевадиҳандаи зардолу, себу олуболу, ангур, тут, дарахтҳои сояафкани беду сафедор ва ғ. мерӯянд. Болотар аз он, дар доманаи кӯҳҳо растаниҳои даштӣ, бурс ва дар баландкӯҳҳо маргзорҳои алпӣ вомехӯранд. Олами ҳайвоноташ гуногун, дар кӯҳҳо харгӯш, суғур, хирс, гург, рӯбоҳ, гуроз, оҳу; аз парандаҳо – кабк, мурғи ҳилол, кабӯтар, укоб, боз ва ғ. дучор мешаванд. А. сероб аст, д-ҳои калонаш - Зарафшон, Фон, Искандар, Пасрӯд ва Яғноб. Аз кӯҳҳо дарёчаҳои бисёре ҷорианд, ки як қисми онҳо барои обёрии заминҳои корам истифода мешаванд. Дар ҳудуди А. мавзеъҳои саёҳатию туристӣ – яке аз кӯлҳои зеботарини Тоҷикистон – Искандаркӯл, кӯли Аловуддин воқеъанд. Дар ҳудуди А. конҳои сурма, симоб, ангишт мавҷуд аст. Ҳоло дар А. ду корхонаи азими саноатӣ – Корхонаи муштараки маъдантозакунии «Анзоб» ва кони калонтарини ангишт - Корхонаи воҳиди давлатии «Фон-Яғноб» фаъолият дорад. А. инчунин дорои канданиҳои фоиданоки тилло, нуқра, қалъагӣ, волфрам ва полиметаллҳо мебошад.

Соҳаи асосии иқтисодиёти ноҳия кишоварзист; сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ ривоҷ



дода шудааст (дар замони шӯравӣ тамокукорӣ соҳаи асосӣ буд). А. барои киштӣ пахта ва шолӣ дар ноҳ. Зафаробод аз заминҳои корами обии он мӯҳлатнок (1058 га) истифода мебарад. А. дар ноҳ. Шаҳристон низ 402 га замин барои картошкапарварӣ ва чарогоҳ дорад. Тамоми заминҳои хоҷагии А. 515820 га (2009), аз он 4289 га заминҳои обӣ (якҷоя бо заминҳои дар ноҳияҳои Зафаробод ва Шаҳристон буда), 2901 га заминҳои корам, 674 га боғот, 141805 га чарогоҳ, 29139 га ҷангалу бешазор. Соли 2008 дар А. 2785 т ғалладона (асосан гандум, 1871 т), 7729 т картошка, 4134 т сабзавот, 2721 т мева, 157 т пахта, 1807 т гӯшт (бо вазни зинда), 7523 т шир, 681 ҳаз. дона тухм, 19 т пилла ва 2 т асал истеҳсол шуд.

Соли хониши 2009/10 А. 47 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 16 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 4 боғчаи кӯдакон, 2 мактаби санъат дошт. Дар А. 23 клуб, 2 кинотеатр, 36 китобхона, 53 муассисаи табобатӣ, аз ҷумла 6 беморхонаи минтақавӣ, 20 маркази саломатӣ, 27 бунгоҳи тиббӣ, Беморхонаи марказии ноҳиявӣ, Маркази мубориза бо бемориҳои сил, таваллудхона, нуқтаҳои хизмати маишӣ, идораи таъмиру сохтмон, хоҷагии ҷангал ва матбаа мавҷуд аст. Нақлиёташ автомобилӣ ва ҳавоӣ. Аэропорт дорад. Аз А. шоҳроҳи Душанбе – Чаноқ мегузарад. Роҳҳо асосан асфалтпӯш. Рӯзномаи ноҳия – «Меҳнат». Ёдгориҳои таърихии А.: оромгоҳи Нақибхон Туғрал (деҳаи Зосун), Шамси Табрезӣ (деҳаи Вешаб, аҳолӣ зиёратгоҳи ин шахс меҳисобанд), Абулқосими Гургонӣ (деҳаи Урметан), Хоҷа Исҳоқ (деҳаи Махшевад), Қалъаи Сарвода (шаҳраки Зарафшон), Гардани Ҳисор (деҳаи Мадм), Қалъаи Муғ (деҳаи Кум), Меҳроб (деҳаи Искодар), Хати Лангар (шайх Муҳаммад Хатиб Аловуддини Балогардон – деҳаи Сангистон), манораҳо дар деҳаҳои Варз, Рарз, Фатмев.

Ш. Тошева.

АЙНӢ (то 1955 – Варзи манор), шаҳрак, ҷамоати деҳот ва маркази маъмурии ноҳ. Айнӣ. Аҳолиаш 2838 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин русҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, беморхона, дармонгоҳ, дорухона, китобхона, боғчаи кӯдакон, клуб, кинотеатр, нуқтаҳои хизмати маишӣ, маркази савдо ва нуқтаҳои савдои хусусӣ, 3 чойхона, 4 ошхона дорад. Дар А. 25 ҷамъияти масъулияташ маҳдуд, 8 ҷамъияти саҳҳомӣ, идораи хоҷагии ҷангал, ҷамъияти матлубот, идораи байторӣ, пойгоҳи нақлиётӣ, муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилӣ, ситоди ҳолатҳои фавқулода, идораи пулсозӣ, фурудгоҳ, шӯъбаи маориф, идораи кишоварзӣ, комиссариати ҳарбӣ, шӯъбаи корҳои дохилӣ, идораи суди ноҳиявӣ, прокуратура, муассисаи серсоҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, идораи нозироти андоз, шӯъбаи омор, сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ (САҲШ), корхонаи хурд – «Оби Зарафшон» фаъолият мекунанд. Шаҳраки А.-ро шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чаноқ убур мекунад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз дарёчаи Куруд ба воситаи пойгоҳҳои обкашии барқии «Варғу» ва «Сангистон» обёрӣ мешаванд. Олимони номдор Мақсуд Шукуров ва Исомиддин Соатов дар ҳамин ҷо ба дунё омадаанд.

АЙНӢ, шаҳрак дар ҷамоати деҳоти Ортиқови ноҳ. Конибодом. Аз А. то маркази ноҳия – ш. Конибодом 8 км, то маркази вил. ш. Хуҷанд 91 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1186 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо. А. бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Фарғона обёрӣ мешаванд.

АЙНӢ (номи пешинааш Ҳуҷайнӣ), деҳа дар ҷамоати деҳоти Яхакюсти ноҳ. Нуробод. Аз А. то маркази ноҳия 14 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 336 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, зироаткорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АЙНӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Панҷи ноҳ. Қумсангир. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Дӯстӣ 7 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2890 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Қумсангир обёрӣ мешаванд.

АЙНӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Навободи ноҳ. Ҷалолиддини Румӣ. Аз А. то маркази ноҳия 19 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1617 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаи Коммунизм таҳсил мекунанд. Маркази саломатӣ, дорухона, китобхона ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ. Заминҳо аз канали Сармантой обёрӣ мешаванд.

АЙНУЛҚУЗО́ТИ ҲАМАДОНӢ Абулмаолӣ ибни Абдуллоҳ ибни Алии Миёнҷӣ (1099, Ҳамадон – 1131, ҳамон ҷо), олим ва нависандаи мутасаввифи форсу тоҷик. Дар илмҳои фалсафа, мантиқ, фиқҳ, ҳисоб, адаб ва сарфу наҳв шӯҳрати зиёд доштааст. Ҳаёт ва фаъолияти А. Ҳ. ба даврои ҳукмронии Салҷуқиён (1040 – 1157) рост меояд. Шароити мураккаби иҷтимоиву сиёсии он даврa ба фаъолияти эҷодии А. Ҳ. таъсири худро гузоштааст. Баъзе муаррихон А. Ҳ.-ро шогирди Умари Хайём ва мурид Аҳмади Ғазолӣ ҳисобидаанд. А. Ҳ. душмани ашаддии илоҳиётшиносони иртиҷоӣ ва ҳокимони мустабид буд. Ин рафтори мутафаккир боиси марги нофарҷоми ӯ гардид. А. Ҳ. дар ҷавониаш доир ба илоҳиётшиносии ислом як силсила асарҳо (ба забони арабӣ) навиштааст. Мутаассифона аз онҳо танҳо баъзе порчаҳо боқӣ мондаанд. Ӯ дар даврaи камолоти эҷодиаш ба навиштани асарҳои тасаввуфӣ пардохт. Дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мактубот», «Тамҳидот», «Шаквол-ғариб» ва ғ. А. Ҳ. масъалаҳои назарию амалии тасаввуфро баррасӣ намудааст. Ба ӯ китобҳои «Шарҳи калимоти қиссаоти Бобо Тоҳир», «Яздоншинохт», «Лавоеҳ»-ро низ мансуб медонанд. А. Ҳ. яке аз назариётчиёни тасаввуф буда, бештари таълифоташ ба равшан намудани масъалаҳои баҳсталаби ирфонӣ бахшида шудаанд. Масъалаҳои таносуби худо, табиат ва инсонро А. Ҳ. аз мавқеи тасаввуф ҳал карда, вуҷуди худоро бетағйиру абадӣ медонад. Ба ақидаи мутафаккир, офаридгор холиқи тамоми мавҷудоти зинда буда, зоти ӯ дастраси ақли инсонӣ намебошад. Дар афкори пантеистии А. Ҳ. масъалаи пайдоиши силсилаи маротиби вуҷуд матраҳ шуда, ӯ худоро вуҷуди ягонае мешуморад, ки мисли Офтоб олами моддиро нурпошӣ карда, ба он ҳастӣ мебахшад. Ҳамин ҷиҳати таълимоти ӯ, ки моҳиятан пайдоиши вақтро аз касрат аз назари ирфонӣ имконпазир мегардонад, боиси хашму ғазаби фақеҳону илоҳиётшиносон гардид. А. Ҳ. илоҳиётшиносони исломро, ки ба худ сифатҳои инсонӣ медоданд, сахт танқид кардааст. Роҷеъ ба масъалаи сабабият А. Ҳ. фикри намояндагони мактаби машшоъро напазируфта, (ниг. *Машшоия*) худоро вуҷуди мутлақ ва сабаби зуҳуроти олами моддӣ медонад. Афкори озодандешии А. Ҳ. дар ҳалли масъалаи озодии ирода зоҳир мешавад. Ӯ инсонро дар рафтору омолаш бар хило-

фи назарияи аҳкомпарастонаи динӣ озоду мустақил мешуморад. Мақсаду мароми ҳастиро А. Ҳ. мисли дигар мутасаввифон дар ваҳдати вуҷуд медид. Барои ба он ноил шудан бояд инсон ахлоқи ҳамидаро касб карда, тавассути риёзати қалбӣ ба камолоти маънавӣ расад ва бо тааммули амиқи фикрӣ холиқашро шиносад. А. Ҳ. нафсро се навъ медонад. Нафсҳои наботию ҳайвонӣ мисли назари дигар мутафаккирон аст, вале асоси таълимоти мутафаккирро роҷеъ ба ин масъала «қалб» ташкил медиҳад. Қалб дар таълимоти А. Ҳ. моҳияти маънавӣ пайдо карда, тамоми маърифати ирфонӣ тавассути он сурат мегирад.

Ад.: Умаров И., Философские и этические взгляды Айнулкузота, Д., 1984.

И. Умаров.

АЙНУЛЯҚИ́Н (аз ар. айн – чашм ва яқин – собитшуда, бовар кардан), баъди илмуляқин зинаи дуюми маърифати тасаввуф аст, ки зимни он гӯё ба ориф кашфи асрори илоҳӣ муяссар мешавад. Ин зинаи дониш на ба воситаи ақлу далелҳои илмӣ, балки ба василаи муроқабаи ирфонӣ, ки гӯё дар қалби суфӣ ба вуҷуд меояд, ҳосил мегардад. А. яке аз ҳолатҳои рӯҳии маърифати тасаввуф мебошад. Бино ба қавли Шиблӣ А. асрори ҳақиқатро ба қалби солик мерасонад. Аҳли тасаввуф ин зинаи маърифатро аз донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ бартар медонанд. Ҳаҷвирӣ дар китоби *«Кашф-ул-маҳҷуб»* зинаҳои яқинро шарҳ додааст. Ӯ мӯътақид аст, ки он чи ба тавассути илми саҳеҳ ҳосил мешавад, фардо ба руъят ҳосил хоҳад шуд. Дар А. суфӣ гӯё ба худшиносӣ расида, баъд ба *ҳақуляқин* қадам мемонад ва аз *«фано»* гузашта ба «бақо» мерасад. А. зинаи маърифати сирф ирфонист.

Ад.: Мустамлии Бухорой. Шарҳи таарруф, Т., 1366; Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Табақот-ус-суфия, Т., 1379; ҳамон муалл., Сад майдон, Т., 1388; Саҷҷодӣ Саидҷаъфар, Фарҳанги мусталеҳоти урафо, Т., 1341.


К. Олимов.

АЙРАПЕТЯ́НС Эдуард Данилович (21. 1. 1923, Самарқанд – 13. 3. 1971, Душанбе), дирижёр, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷ. (1968). Дар Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Ленинобод (1941 – 45), студияи миллии Консерваторияи давлатии Москва (1945 – 47) хонда, с. 1963 Консерваторияи давлатии Тошкандро ғоибона хатм кардааст. Муддате дар Театри мазҳакаи мусиқии вилоятии Ленинобод ба сифати мудири қисми мусиқӣ ва дирижёр кор кардааст. Солҳои 1948 – 62 дирижёр ва аз с. 1963 то поёни умр сардирижёри Театри давлатии академии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ буд. Дар Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе ва фак-ти санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе аз синфи опера дарс гуфтааст. А. дар саҳнаи театр операҳои «Тоҳир ва Зӯҳро»-и А. Ленский, «Шӯриши Восеъ», «Хосият», «Бахтиёр ва Нисо»-и С. Баласанян, «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, «Коваи оҳангар», «Бозгашт»-и Я. Сабзанов, балетҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян, «Афсонаи кӯҳсор», «Писари Ватан»-и Ю. Тер-Осипов, «Бо роҳи раъди ғуррон»-и Қ. Қароев, «Валси калон»-и И. Штраус, «Гилеми кабуд»-и М. Волберг ва ғ-ро таҳия намудааст. Ҳамчун иҷрокунандаи доимии асарҳои композиторони тоҷик ва барпокунандаи консертҳои симфонӣ маъруф буд. Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АЙРИТО́М, Ҳайратон, харобаи (димнаи) шаҳри қадима дар 18 км шарқтари ш. Тирмиз, воқеъ дар соҳили рости д. Аму. Соли 1932 дар теппаи асосии А. (50 × 30 м) тасодуфан арақаи сангӣ (фриз) ёфт шуд. Аз с. 1933 омӯзиши мунтазами он оғоз ёфт. Дар натиҷаи тадқиқот маълум гардид, ки масоҳати А. 3000 × 300 м буда, қад-қади дарё ба масофаи 2,5 км кашол ёфтааст. Солҳои 1933 – 37 экспедитсияи археологӣ бо сардории М. Е. Массон 7 арақа ёфт. Дар онҳо духтарон ва ҷавонон акс ёфтаанд, ки чуфтнай, чилтор, уд, табл менавозанд ва дар даст ҳадя, гулчанбар, мева ва зарфҳо доранд. Ин арақаҳо аз рӯи услуб ва амал ба санъати кушонӣ тааллуқ дошта, ба ёдгориҳои а. 1 Ҳиндустони Шимолӣ хеле монанданд ва намунаи барҷастаи санъати қадимаи ҳайкалтарошии Осиёи Миёна мебошанд. Дар А. с-ҳои 1963 – 66 экспедитсияи Ин-ти санъатшиносии Ӯзбекистон ҳафриёт гузаронд. А. тахминан 500 сол вуҷуд доштааст. Дар ин хусус зарфҳои сафолин ва тангаҳои подшоҳони Юнону Бохтар ва Кушон шаҳодат медиҳанд. Дар А. а. 2 то м. бо мақсади мудофиаи шаҳр аз ҳуҷуми душманон истеҳкоми калони похсагӣ сохтаанд. Дар майдони қариб 15 га хонаҳо ёфт шуданд, ки деворҳои ғафсу баланд доранд. Баъзеи онҳо эҳтимол анбори аслиҳа будаанд. Чунин хонаҳо дар надоранд. Ба дохили онҳо фақат бо нардбон даромадан мумкин аст. Соли 1938 дар А. харобаи ибодатхонаи буддоӣ ёфт шуд, ки ба а-ҳои 1 - 2 мансуб аст. Ибодатхона аз хонаҳои даруну берун, ҳуҷраҳои роҳибон, ҳайкали Буддо, суффаҳои баланди хиштин иборат аст. Қабристони қадимае мансуб ба ох. а. 2 то м. ва ибт. а. 1 м. низ ёфт шуд. Дар қабре устухони ҷанговар бо яроқу аслиҳа, зарфҳо ва устухони зане пайдо гардид, ки бо либосаш ҳамроҳи ҷанговар дафн шудааст. Қабристони А. барои омӯхтани сохти антропологии аҳдоди мо, урфу одатҳои маросими дафн маълумоти қиматбаҳо дод.

«АЙРИТО́Н», кони нефту газ дар ноҳ. Исфара. Соли 1967 кашф шудааст. Ҳаҷми захираҳои истихроҷшавандаи нефт ба 408 ҳаз. т ва газ ба 580 млн м^3 мерасад. Аз ин кон соле 2072 т нефт ва 300 ҳаз. м^3 газ истихроҷ карда мешавад.

А́ЙСБЕРГ (нем. Eisberg, кӯҳях, аслаш скандинавӣ), яхпораҳои бузургҳаҷме, ки дар натиҷаи фишор ва ҷараёни об, таъсири бодҳо, мадду ҷазри баҳр аз пираяҳҳои азим канда шуда ба об меафтанд. А.-ҳо дар баҳру уқёнусҳои назди қутбҳои нимкураҳои шим. ба ҷан. шино мекунанд ё дар тунукобаҳо банд шуда мемонанд. Асосан пираяҳҳои Антарктика, Гренландия ва ҷаз-ҳои арктикии Канада манбаи ба вуҷуд омадани А. мебошанд. Яхпораҳои қисми намоёнашон аз 5 м зиёд А. ҳисоб мешаванд. Дарозии А. баъзан то 100 км буда, баландии он дар рӯи об ба 70 м (дар Арктика) ва 100 м (дар Антарктика) мерасад ва 70 – 90 фоизи ҳаҷми он дар зери об аст. А.-е, ки 500 м баландӣ ва 85 км тӯл дошт, ба назар расидааст. Маъмулан А.-ҳо то 40 – 50° а. ш. ва 45 – 60° а. ҷ. шино мекунанд. Соли 2000 аз пираяи Росса дар натиҷаи канда-



Айсберг.

шавии механикӣ яхпораи машҳури B-15, ки масоҳ. зиёда аз 10000 км^2 аст, ҷудо шуд. Дертар с. 2005 аз ин яхпора пораи дигаре (B-15A) канда шуд, ки 115 км дарозӣ ва 2500 км^2 масоҳат дорад ва то ба имрӯз бузургтарин А.-и мушоҳидашаванда мебошад. Соли 2010 зимни аксбардории кайҳонӣ аз ҷониби NASA ва ESA яхпораи азими (B7B)-и боз ҳам аз пиряхи Росса ҷудогашта дар масофаи 1700 км ҷанубтари Австралия ба қайд гирифта шуд. Ҳаҷми аввалаи он 400 км^2 буд. Чунин А.-и азими аз асли худ кандашуда ва ба ин қадар масофаи дур рафтаро дар сад соли охир мушоҳида накардаанд. А.-и B7B аз рӯи тахмини мутахассисон дар муддати 10 сол ба ин ҷо расидааст. Координати мавқеи А.-и B7B дар авв. с. 2010 48,8° а. ҷ. ва 107,5° т. ш. буд. Синни А.-и рангаш кабудчатоб аз 1000 сол бештар аст. А.-и вақтҳои охир сарнагуншуда рангаш кабуди баланд буда, онро «А.-и сиёҳ» меноманд. Дар рӯи баъзе А.-ҳо пойгоҳҳои таққиқотӣ ҷой дода мешаванд. Кашола карда ба минтақаҳои бебориш бурдани яхпораҳо маъмул шудааст. Бархӯрдани киштиҳо бо А. боиси ҳалокат мегардад (мас., фалокати «Титаник» – с. 1912 ва киштии даниягии «Хедтофт» – с. 1959).

АЙТМА́ТОВ Чингиз Тӯрақулович (тав. 11. 12. 1928, деҳаи Шакари вил. Таласи Қирғизистон – 10. 6. 2008, Нюрнберг, Германия, дар Ота-Байити наздикии Бишкек дафн шудааст), нависандаи қирғиз, ходими ҷамъиятӣ, Нависандаихалқии Қирғизистон (1968), акад. АИ Ҷумҳурии Қирғизистон (1974), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1978), Қаҳрамони Қирғизистон (1997). Хатмкардаи Инти хоҷагии қишлоқи Фрунзе (Бишкек) ва курси олии адабии Ин-ти адабиёти ба номи М. Горкий (1958). Ба ду забон – русӣ ва қирғизӣ менавишт. Фаъолияти эҷодиаш аз ҳикоянависӣ ва тарҷумаи асарҳои нависандагони қирғиз (ба русӣ) оғоз ёфтааст. Ҳикояи нахустинаш «Рӯзномафурӯш Дзюйдо» (1952). Баъдан ҳикояҳои «Ҳошим» (1953), «Сепоячӣ», «Бороні сафед» (1954), «Ҳарифон», «Дар замини лалмӣ», «Дар соҳилҳои Байдамол» (1955) ва ниҳоят қиссаи «Рӯ ба рӯ» (1957) ба табъ расиданд. Соли 1958 повести «Ҷамила» ба табъ расид. Ин асар ба забонҳои халқҳои собиқ шӯравӣ ва хориҷӣ тарҷума шуд ва дар олами адаб нуфузи калон пайдо намуд. Муаллиф аз ишқи ду дилдода – Ҷамила ва Дониёр ба чунон як тариқи хоси бадеӣ ҳикоят мекунад, ки на фақат дар адабиёти шӯравии қирғиз собиқа надошт балки дар адабиёти умумииттифоқи шӯравӣ низ сухани нав буд. Дар асарҳои баъдинаи А. – «Сарвқади рӯймолсурхаки ман» (1961), «Чашми уштур», «Муаллими нахустин» (1962), «Роҳи Каҳкашон» (1963) ва «Турнаҳои бармаҳал» (1976) ҷанбаи романтикӣ қувват гирифт. Қаҳрамонҳои ин асарҳо наврасон ва ҷавонмардонеанд, ки бо тақозои рӯзгор ба пешгоҳи зиндагӣ баромада, ба набарди нобаробари иҷтимоӣ мепардозанд ва оқибат пирӯз мешаванд. Гурӯҳи диг. асарҳои А. – повесту романҳои «Падруд, ҷонваракам» (1966), «Саги алое, ки лаб-лаби баҳр метозад» (1978), «Дуроҳаи Бӯронӣ» (1980), «Қиёмат» (1986), «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд» (2006) ва ғ. таҷассумгари таҳаввули эҷодиест, ки нависанда аз ох. с-ҳои 60 а. 20 сар карда аз сар гузаронидааст. Моҳияти ин таҳаввул, ки дар эҷодиёти А. аз повести «Сафинаи сафед» сар шуда дар романи фалсафию иҷтимоии «Дуроҳаи Буронӣ» ба авҷи худ расидааст суст шудани ҷанбаи романтикию дидактикӣ ва қувват гирифтани ҷанбаи реалистӣ дар эҷодиёти ӯ мебошад. Дар ин асарҳо аз баъзе зуҳуроти номатлуби замон, тақдири башар, баъзе ҳодисоти экологӣ (зарраҳрасонӣ ба табиат) ва ғ. сухан меравад.



Сарчашмаҳои эҷодиёти А. фолклори халқҳои туркизабон (хосса қирғиз), адабиёти классикии рус, адабиёти собиқ шӯравӣ, адабиёти ҷаҳон (махсусан, адабиёти Америкаи Лотинӣ ва Япония), адабиёти Шарқ, аз ҷумла адабиёти форс-тоҷик мебошанд. Яке аз хусусиятҳои услубии А. – истифодаи устураву ривоятҳост. Нависанда аз устура, ривоят, бофтаи фантастикӣ (тахайюлӣ) ва сужетҳои сюрреалистӣ, истифода бурда, кашфиёти нави бадеӣ кардааст. Аз рӯи асарҳои А. филмҳо ва спектаклҳо таҳия шудаанд. Мас., пйесаи А. (ҳамроҳи К. Муҳаммадҷонов) «Қуллаи Фудзияма» с. 1974 дар Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи Лоҳутӣ ба саҳна гузошта шуд. Аксар асарҳои А. ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудаанд. А. ба гирифтани 46 мукофоти баланд-тарини олии СССР, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Мукофоти ленинӣ (1963), Мукофоти давлатии СССР (1968, 1977, 1983), Мукофоти давлатии Қирғизистон (1976), мукофоти «Лотос» («Нилуфар»), Мукофоти ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру, мукофотҳои баъзе кишварҳои Европа, ШМА ва ғ. мушарраф гардидааст. Дар охирҳои умраш аз с. 1990 то 1996 сафири СССР (1990 – 91) ва Россия (1992 – 94) дар Люксембург ва Қирғизистон дар кишварҳои Бенилюкс (1994 – 96) буд. Асарҳои А. ба 154 забони дунё тарҷума шудаанд. Теъдоди асарҳои чопшудааш с. 1999 ба 20 млн расид. Дар Қирғизистон ба номи А. мукофоти «Медали тиллоӣ» таъсис ёфтааст (1999). Соли 2008 дар Қирғизистон Соли Чингиз Айтматов эълон гардида буд.

Ад.: Турсунов А., Назаре ба афлоки бадеии Чингиз Айтматов (Сухан аз романи «Дуроҳаи Бӯронӣ»), дар кит.: Айтматов Ч., Дуроҳаи Бӯронӣ, Д., 1985; Турсон А. Ақл ва адл. Мусоҳиба, мач. «Садои Шарқ», № 3 – 5, 2010;. Гачев Г., Чингиз Айтматов и мировая литература, Фрунзе, 1982; Рыскулова Ж., Восприятие творчества Чингиза Айтматова в англоязычных странах, Фрунзе, 1987; Ахматалиев А., Чингиз Айтматов и взаимосвязи литератур, Бишкек, 1991; Полякова Г., Предание о Матери Оленихе в «Белом пароходе» Чингиза Айтматова, М., 1999. *А. Турсон.*

АЙЮ́Б (Айюб – баргарданда ба сӯи Худо), пайғамбар, ки номи ӯ дар Қуръон 4 бор (4:163; 6:84; 21: 83/84; 38:41) ва дар Библия (дар китоби махсус, дар шакли Иов) зикр шудааст. Дар Сифр (Китоб)-и Айюби Аҳди қадими Библия қиссаи А. ва таҷорубу сабри ӯ ва муҷодалааш бо дӯстон ба тафсил ҳикоят шудааст. Аз нигоҳи муфассирон ва муаррихони исломӣ А. аз пайғамбарони илоҳӣ, фарзанди Анус, модараш аз насли Лут буд ва дар сарзамини Уси кишвари Адум мезист. А. соҳиби фарзандон (дар Библия – 7 писару 3 духтар) ва молу сарвати бисёр буд. Худо ӯро бо ҳалоку нобуд кардани хонаводаву молу сарваташ ва ба беморӣ мубтало гаштанаш озмуд. А. бо сабурӣ ин озмоишҳои Худоро таҳаммул кард. Худо дуоҳои ӯро бипазируфт ва бемориашро бо оби чашмае шифо бахшид, хонаводаашро зинда кард. Баъди он А. боз 140 сол (Библия) бизист. Дар хусуси чашмаи А. нақлу ривоятҳо зиёд аст, аз ҷумла, дар Бухоро бо номи Чашмаи А. маҳале ҳаст, ки ҷои шифоталабӣ ва сайргоҳи мардум дар идҳову ҷашнҳо, ба хусус Наврӯз будааст. Дар забонҳо, аз ҷумла, тоҷикӣ, «сабри А.» масал барои касе аст, ки бисёр ҳавсалаву сабр дорад. Ҳамчунин «сабри А.» дар якҷоягӣ бо «умри Нӯҳ» масал аст, ки дар мавриди пеш омадани кори бас душвор ва вақтталаб зада мешавад. Дар адабиёти ҳам Шарқу ҳам Ғарб дар бораи А.

ва сабру таҳаммули ӯ ва аз ин тариқ боз расидани ӯ ба мақсадҳояш достону ривоятҳои зиёд навиштааанду гуфтаанд. *М. Умаров.*

АЙЮБ ибни Абулбаракат (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар Шаҳрисабз дар оилаи Хоҷа Абулбаракат ном шахси ашрофзода ва эҷодкор ба дунё омадааст. Илмҳои расмии замонашро дар назди падар, сипас дар мадрасаҳои Самарқанд омӯхт. Мувофиқи маълумоти «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ А. дар эҷоди анвои гуногуни шеър – ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғ. соҳибистеъдоду тавоно будааст. Миқдори зиёди намунаҳои ашъораш ба воситаи тазкираи Нисорӣ ва манбаъҳои дигар боқӣ мондаанд. Ба сабаби шеърҳои ҳаҷвӣ ва ошкоро гуфтан, камбудиҳои замонашро фош кардан бадарға шуд ва ба Гучароти Ҳиндустон рафт. Дар ин ҷо ҳам барои ин навъ ашъораш ба зиндон афтод. Абёти зерин намунае аз шеъри А. мебошанд:

Шоҳе зи хубон зад нафас, афтода дар
доми қафас,
Чун андалебони қафас, дармонда аз
гуфтори худ.

***

Саҳар, ки саҳни чаман пургулу
шақоиқ буд,
Чаман ба коми дили андалеб шоиқ буд.
Зи роҳи мақсад агар тофтам инони талаб,
Зи ҳамраҳии рафиқони номувофиқ буд…
Надошт тоқати ҷавру ҷафои ӯ Айюб,
Агарчи бар ҳама акрон ба сабр фоиқ буд.
У. Назиров.

АЙЮБЗОДА́ Сафар (тахаллус Маҳзун; тав. 7. 1. 1956, деҳаи Дараи Оби ноҳ. Шӯрообод), шоир, драматург ва рӯзноманигори тоҷик. Хатмкардаи факултети филологияи тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (1977). Корманди г-ҳои «Ҳақиқати Кӯрғонтеппа», «Роҳи Ленинӣ», «Хатлон», «Садои мардум», «Садои коргар» (1977 – 2001), сардабири маҷ. «Молия ва ҳисобдорӣ» (2001 – 10), сардори маркази матбуоти Комитети телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ дар НБО Роғун (2010 – 11). Аз с. 2011 машғули кори эҷодист. Нахустин шеъру таронаҳои А. ибт. с. 70 а. 20 айёми донишҷӯӣ дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Муаллифи китобҳои «Нафаси ишқ» (1998), «Шарораи шавқ», «Эй ишқ, наҷотам деҳ» (ҳар ду 1999), «Ранҷи ишқ ширин аст», «Саду як дарди ишқ» (ҳар ду 2000), «Сурайёнома» (2001), «Гулбазм» (2002), «Ҷоно, падару модарат аз ёд мабар» (2004), «Афсонаи шодӣ», «Бадеҳаи ашқ» (ҳар ду 2005), «Таронаи ишқ» (2007), «Муноҷот» (2008), «Давлати ишқ» (2009), «Соқинома» (2010), «Парвонаи ифтихор» (2011) ва ғ. Якчанд асари саҳнавӣ ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Муддате роҳбари қисми адабии Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб буд. Аълочии фарҳанги ҶТ (1996), Аълочии матбуоти ҶТ (2002), дорандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ (2002). Узви ИЖ Тоҷикистон (1985) ва ИН Тоҷикистон (2001).





Ф. Маҳмадуллоев.

АЙЮБИЁН, сулолаи султонҳои Миср (1171 – 1250), ки баъди *Фотимиён* – хонадони халифаҳои араб ба тахти ҳокимият соҳиб шуданд. Асосгузори ин сулола амири курд Салоҳуддин (дар адабиёти илмию оммавии Ғарб ба номи Саладин ёд мешавад) Юсуф ибни Айюб – собиқ вазири халифа Ал-Адид аст, ки ӯро с. 1171 аз тахт барандохта буд. А. баъди ба ҳокимият соҳиб шудан аз эътиқодоти шиъии Фотимиён (*исмоилия*) рӯ тофта ба аҳли тасаннун пайвастанд ва тахти ҳокимияти рӯҳонии *Аббосиён* қарор гирифтанд. Салоҳуддин Миср, Шимоли Африка, қисми зиёди Сурия ва Фаластин, Байнаннаҳрайни Шимолӣ ва Яманро фатҳ кард. Пас аз фавти Салоҳуддин дар с. 1193 давлати А. тадриҷан ба султонаҳои алоҳидаи А. тақсим шуд, вале тахти султони олии Қоҳира қарор доштанд. Шоҳаҳои гуногуни А. дар Миср (то с. 1252), Димишқу Ҳалаб (то с. 1260), Байнаннаҳрайн (то с. 1245), Хумс (1178 – 1262), Хам (то с. 1341), Яман (то 1228) ҳукмронӣ кардаанд. Минбаъд ҳукумати воқеӣ тадриҷан ба дасти сипаҳсолорони гвардияи ғуломии *мамлукҳо* гузашт ва шоҳаи асосии мисрии А. бо сарварии Туроншоҳ (с. 1250 аз тарафи сарбозони ғулом ба қатл расид) барҳам хӯрд. *Б. Раҳматов.*

АЙЮБӢ Сафармуҳаммад (тав. 20. 12. 1945, Кӯлоб – ваф. 22. 02. 2011, Душанбе), шоир, драматург ва рӯзноманигори тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1999), Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон (1995), дорандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ (2000). Ин-ти педагогии Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ)-ро хатм кардааст (1976). Мухбири рӯзномаҳои «Роҳи ленинӣ», «Хатлон», ТоҷикТА, ТАСС ва Итар ТАСС (1976 – 93). Сармуҳаррири шӯъбаи фарҳангӣ-адабии ТВТ (1993 – 95), сардори раёсати фарҳанги Вазорати фарҳанги ҶТ (1995 – 97), мудири Шӯъбаи масоили иҷтимоӣ, фарҳангӣ, робита бо созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва муносибати байни миллатҳои Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ш. Душанбе (1997 – 2008). Аз с. 2008 бознишаста, машғули кори эҷодӣ буд. Шеърҳои нахустинаш ибт. с-ҳои 70 а. 20 дар рӯзномаҳои «Роҳи ленинӣ», «Адабиёт ва санъат», маҷ. «Садои Шарқ» ба табъ расидаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои «Гули гандум» (1981), «Роҳи сафар» (1984), «Шохаи барқ» (1986), «Фалаки рогӣ», достонҳои «Хоҳиши дарё», «Мунзим» (ҳар ду 1990), «Вафои зарробӣ», «Маснавии мирӣ», (2001), «Шаҳриёрнома» (2002) ва ғ. А. ба муҳимтарин мавзӯъҳои фоҷеавӣ, таърихӣ ва ҳозиразамон, ишқӣ, иҷтимоӣ ва ғ. таваҷҷӯҳ дошт. Вай орзую умедҳои наҷиби инсонӣ, ишқу муҳаббати поки инсониро тараннум менамояд. А. яке аз шоирони машҳури суруднавис дар адабиёти муосири тоҷик буд. Беш аз 200 суруд навиштааст, ки композиторон Т. Шаҳидӣ, Ф. Одина, Х. Абдуллоев, Т. Сатторов, Баҳром Одинаев ба онҳо оҳанг бастаанд ва аз ҷониби сароянда гон М. Миров, Б. Азизов, О. Ҳошимов, А. Комилова, Д. Холов, Лутфулло Давлатов, гурӯҳи эстрадии «Гулшан», Зикриллоҳ, Фотима Тӯраева, Миралӣ Достиев, Сӯхроби Сафарзод, Файзалӣ Ҳасанов, Умари Темур, гурӯҳи эстрадии ВКД «Сипар» суруда мешаванд. Драманависӣ муҳимтарин ҷузъи фаъолияти эҷодии А. буд. А. муаллифи беш аз 100 драмаи манзум, аз ҷумла «Фишор» (1984), «Заволи Чамбули Мастон» (1997), «Хатои охирини Афлотун» (1990), «Алии Сонӣ» (1994; дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), «Меъроҷи Шоҳин» (1995; дар бораи шоири тоҷик Шамсиддини Шоҳин), «Амир Балъамӣ» (1997), «Ҷилвагоҳи офтоб» (2000), «Тӯй дар Хуррамдара» (2005) ва «Меъроҷ» (2010) мебошад. Асарҳои драмавии ӯ дар театрҳои Душанбе, Кӯлоб, диг. минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар ба саҳна гузошта шудаанд ва дар озмунҳои театрҳои касбӣ соҳиби ҷоизаҳо гаштаанд. Баъзе шеърҳои

А. ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Дар баробари ин вай шеърҳои адибон Н. Доризо, Р. Рождественский, М. Геттуев, Миртемир ва дигро ба тоҷикӣ гардондааст. А. муаллифи филмномаҳои телевизионӣ, барномаҳои чорабиниҳои давлатӣ ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1100-садсолагии давлатдории Сомониён, 1150-солагии устод Рӯдакӣ, ҷашну ёдбуди адибону шахсиятҳои бузурги таърихию миллӣ ва ғ. мебошад. Дорандаи Ҷоизаи Иттифоқи ходимони театрии Тоҷикистон «Ноҳид» (1994). Вакили Маҷлиси вакилони халқи ш. Душанбе (2000 – 05), ноҳ. Сино (2005 – 10) буд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1986.

Ад.: Кӯлоб. Энсиклопедия, Д., 2006.

Ш. Раҳмонов.

АЙЮҚ (ар. Бузбон, лот. Capra, Capella), ситораи равшантарини бурҷи Мумсикулъинон (α-Возничий) ва наздиктарин ба Қутби Шимолӣ, шашумин ситораи равшан дар осмони ситоразор. Дар номи бурҷ (Auriga) дар асотири юнонӣ худои баҳр Посейдон ифода ёфтааст. Номи А. дар лавҳачаҳое, ки зиёда аз 2 ҳаз. сол то м. навишта шудаанд, ёдовар шудааст. Дар расми атласҳои европоии осмони ситоразор А. чун бузичае дар пушт ё оғӯш, дар тасвирҳои дастхатҳои нуҷуми исломӣ дар синаи Мумсикулъинон тасвир ёфтааст. А. ситораи дуқӯшаи спектралӣ буда, массааш тақр. 2,5 массаи Офтобро ташкил медиҳад, синнаш $5{,}25\times10^8$ с., ҳарор. 5700 К, даврааш 104 шабонарӯз, масофа то Замин 42,2 ± 0,5 с.р. (12,9 ± 0,1пк), тобишаш аз Офтоб 150 маротиба зиёд. А. манбаи гамма-афканишот аст.

М. Холов.

АЙЮҚӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (нимаи авв. а. 11). Дар бораи айёми ҷавонӣ ва таҳсилоташ маълумот дастрас нагардидааст. Шоири боистеъдоду хушзавқи форс-тоҷики муҳити адабии Ғазна будааст. Аз асари то замони мо расидаи А. – «*Варқа ва Гулшоҳ*» бармеояд, ки дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 998 – 1030) будан ва ба мадҳу ситоиши вай чун ҳомии дину адабиёт шуғл варзиданро мояи ифтихори худ медонист:

Ту, Айюқиё, гар-т ҳуш асту рой,
Ба хидмат бипайванд, ба мидҳат гарой.
Ба дил меҳри султони ғозӣ биҷӯй,
Ба ҷон мадҳи султони Маҳмуд гӯй….
Дар иқболу дар фазлу дар ҳар фане,
Ҷаҳонест дар зери пироҳане…

Аз ашъори дигари А., ки ба ғайр аз навъи маснавӣ суруда шудаанд, намунаҳои каме ба воситаи тазкираҳо ва фарҳангҳо то замони мо расидаанд. Муаллифи «*Лугати фурс*» ин байтро ба ӯ нисбат додааст:

Бо мардуми лак то битавонӣ ту маёмез,
Зеро ки ҷуз аз ор наёянд лаку лук.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ А. маснавии дигаре дар баҳри рамали мусаддас ва як идда қасидаҳо доштааст.

Ад.: Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI, Д., 1979.

А. Алимардонов.

АКАДЕМИ́ЗМ (аз франс. academisme), 1) равияи соф назариявии санъати тасвирӣ, илм ва фарҳанг. А. дар академияҳои рассомии а-ҳои 16 – 19 маъмул буд. Назарияи А. ба догма асос ёфта, рассом аз доираи он берун намерафт; нусхабардории намунаҳои санъати тасвирии атиқа ва даврои Эҳё расм шуда, афзалият пайдо намуд. А. минбаъд барои инкишоф, тавсеа ва пешрафти санъати тасвирӣ монеъ гардид. 2) Ҷудоии илм, санъат ва фарҳанг аз зиндагӣ ва ҳаёти воқеии ҷамъият.

АКАДЕ́МИЯ (юн. Akademia, аз номи қаҳрамони афсонавии Академа), 1) мактаби фалсафиест, ки тақр. с. 385 то м. Афлотун дар назди Афина таъсис намуд ва с. 529 м. барҳам хӯрд. 2) Номи маъмули муассиса ё ҷамъияти илмӣ (А.-и илмҳо), ки якчанд муассисаи илмии соҳаҳои гуногунро муттаҳид мекунад. 3) Баъзе мактабҳои олӣ, мас., Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон. 4) Дар хориҷа (мас., дар ШМА) номи баъзе мактабҳои миёнаи хусусӣ, инчунин як қатор муассисаҳои илмӣ. Дар мамлакатҳои Шарқ якқатор муассисаҳои илмӣ вазифаи А.-ро адо мекарданд. Мас., «Байт-ул-ҳикмат» («Хонаи ҳикмат», а. 9), «Низомия» (а. 12, дар Бағдод), «Академияи Маъмун» (а. 11, дар Хоразм), маҳфилҳои назди расадхонаи Улуғбек (а. 15) ва ғ. Дар Тоҷикистон маркази асосии илмии мамлакат *Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* мебошад. Ғайр аз ин А.-ҳои соҳавӣ: *Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи муҳандисии Тоҷикистон, Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббии Тоҷикистон* мавҷуданд.

АКАДЕ́МИЯИ АМЕРИКОӢИ САНЪА́ТИ КИНЕМАТОГРАФӢ ВА ИЛМ (AMPAS), ташкилоти ҷамъиятӣ дар ШМА. Дар *Голливуд* с. 1927 таъсис ёфтааст. Ҳадафаш баланд бардоштани дарачаи маърифатӣ, маданӣ ва техникии кинои америкоӣ мебошад. Беш аз 4 ҳазор аъзоро муттаҳид менамояд, ки аксарашон намояндагони барҷастаи эҷодӣ ва маъмурии Голливуд ҳастанд. Аз 12 бахш – режиссёрӣ, актёрӣ, сенариянависӣ, композиторӣ, продюсерӣ ва ғ. иборат аст. Дорои бойгонӣ, китобхона, толори намоишдиҳист, фаъолияти иттилоотӣ ва лексионӣ мебарад. Ҳамасола (аз 1929) барои комёбиҳои барҷастаи кинои америкоӣ ва хориҷӣ аз рӯи 20 номенатсия мукофоти «*Оскар*» тақдим менамояд, ки дар соҳаи кинои ҷаҳонӣ бонуфузтарин ба шумор меравад. Ғолибон тариқи овоздиҳии махфии аъзои А. муайян мегарданд. Аз с. 1973 барои филмҳои донишҷӯён низ мукофоти махсус супурда мешавад. А. соле се маротиба феҳрист ва маълумотро дар хусуси маҳсулоти кинои америкоӣ ба табъ мерасонад.

АКАДЕ́МИЯИ АФЛОТӮН, иттиҳоди динию фалсафиест, ки тақр. с. 387 то м. *Афлотун* таъсис карда буд; мактаби Афлотун то а. 6 м. вуҷуд дошт. А. А. (дар ибтидо Гекадемия) аз номи қаҳрамони асотирӣ – Академ, ки боғи Афлотун низ ба номи ӯ гузошта шуда буд, гирифта шудааст. Ба иттиҳоди номбурда сохларх, ки аъзои А. А. интихоб мекарданд, сарварӣ менамуд. Аъзои А. А. бо ихтиёри худ аз серхобӣ худдорӣ мекарданд, аз ишқи нафсонӣ канорақӯӣ менамуданд ва гӯшт намехӯрданд. Дар А. А. бисёр илмҳои замона – фалсафа, риёзиёт, нуҷум, табиатшиносӣ ва ғ. тадқиқ мешуданд. Махсусан ба масъалаи илми риёзӣ диққат медоданд. Дар пештоқи дарвозаи А. А. чунин шиор навишта шуда буд: «Касе, ки риёзиётро намедонад, ба Академия дохил нашавад!» То замони Ситсерон А. А.-ро ба Қадим ва Нав, баъдтар ба Қадим, Миёна ва Нав ҷудо мекарданд; дар давраи эллинизм тақсимоти дигари таърихи А. А. низ вуҷуд дошт.

А. А.-и Қадим тамоюли пифагорӣ фалсафаи мутааххири Афлотунро тарафдорӣ намуда, ақидаҳои космологии дар «Тимей» баёншударо инкишоф медод. Ба дарачаи мутлақ бардоштани баҳсҳои диалектикӣ, ки дар ҷараёни онҳо ҳаққонияти баробари ҳукмҳои зид исбот мегардид, ба принсипи ҷаҳонбинӣ табдил ёфтани онҳо, (ки торафт ба равоқия муқобил мешуд), боиси ба вуҷуд омадани шаккокияи академӣ гардид ва мавқеи А. А.-и Миёнаро муайян кард. Карнеад қоидаи имконнопазир будани дониш ва аз ин рӯ, нодуруст будани ҳама гуна аҳкомро ба дарачаи мутлақ бар-

дошт. Қоидаи мазкурро академияи Нав тарафдорӣ мекард.

Соли 86 то м. ҳангоми Афинаро муҳосира кардани сарлашкари Рим Сулла бинои А. А. вайрон шуд ва боғи он хароб гардид. Китобхонаи А. А. низ нобуд шуд. Вале ҳанӯз дар с. 78 то м. Антиох дар Афина муаллимӣ мекард (Ситсерон дар назди ӯ дарс хондааст). Вазъи А. А. то с. 176, яъне то вақте ки дар Афина файласуфи Рим Марк Аврелӣ чор кафедраи фалсафа таъсис кард, номаълум аст. Аз ох. а. 2 то ох. а. 4 дар А. А. асосан ба омӯзиши илми баён (риторика), адабиёт ва фанҳои маълумоти умумӣ машғул буданд. Дар замони Плутархи Афинагӣ (ваф. тақр. 432) ба А. А. навафлотунияи майлони афлотинию ямвлихӣ дохил шуд. Соли 529 Юстиниан дар Афина мактабҳои қадимаи фалсафиро барҳам дод. Тақр. с. 531 як қатор навафлотуниёни афинагӣ бо сарварии Дамаский ба дарбори шоҳи сосонӣ Хусрав мурочиат карданд.

Эҳёи афлотуния дар а. 15 боиси таъсиси А. А. дар Флоренсия (1459) гардид. Навафлотуния заминаи асосии масъалаҳои фалсафии А. А.-ии Флоренсия: аз тарғиби ғояҳои ишқи афлотунӣ то кӯшиши ба ҳам омехтани таълимоти афлотуния бо арастуия, қаббола, герметизм, зардуштия ва дигар навъҳои афкори динию фалсафӣ буд.

АКАДЕ́МИЯИ ВАЗОРА́ТИ КОРҲО́И ДОХИЛИ́Й ҶУМҲУРИ́И ТОҶИКИСТО́Н, муассисаи олии таълимӣ. Соли 2000 дар натиҷаи азнавсозии Мактаби олии ВКД, ки с. 1991 дар асоси мактаби миёнаи махсуси душанбегии ВКД СССР (с. 1970 ташкил шудааст) ва шӯъбаи душанбегии фак-ти таълими ғоибонаи Мактаби олии дар Тошкент будаи ВКД СССР (с. 1982 ташкил шудааст) таъсис ёфт. Барои хадамоти мухталифи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаҳои зерин мутахассис тайёр мекунад: идоракунӣ дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ, фаврӣ-чустучӯӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ, тафтишотӣ-криминалистӣ, муҳандисӣ-техникӣ, ҳолатҳои фавқулода, фармондеҳӣ. Дар А. 5 факултет ва 18 кафедра амал мекунанд. Фак-ти № 1 яке аз сохторҳои муҳими А. буда, дар он барои таъмини эҳтиёҷоти дастгоҳи марказии ВКД, сарраёсатҳо ва шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо кадрҳои роҳбарикунанда тайёр карда мешаванд. Дар ин факултет инчунин кормандони дигар хадамот ва ҷузъу томҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ, аз ҷумла кормандони Вазорати адлия, Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Комитети ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ ва Департаменти гумрук дар асоси шартнома таҳсил мекунанд. Дар сохтори фак-ти № 1 курсҳои олии академӣ амал мекунанд, ки дар онҳо роҳбарони дараҷаҳои гуногун – ҷонишинони сардори шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо ихтисоси худро такмил медиҳанд. Факти № 2 барои эҳтиёҷоти мақомоти корҳои дохилӣ ҳуқуқшиносҳои дорои маълумоти олӣ тайёр мекунад. Шакли таҳсил рӯзона ва мӯҳлати таҳсил 4 сол аст. Дар фак-ти № 3 шакли таҳсил ғоибона буда, барои мақомоти корҳои дохилӣ ва инчунин дар асоси шартнома барои дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд. Дар ин факултет инчунин курсҳои якмоҳаи такмили ихтисоси ҳайати миёнаи роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ амал мекунанд. Фак-ти № 4 дар ш. Хуҷанд воқеъ буда, барои мақомоти корҳои дохилӣ мутахассисони хурди дорои маълумоти ҳуқуқии олии нопурра ва барои қӯшунҳои дохилии ВКД ҶТ ҳайати хурди роҳбарикунанда тайёр менамояд. Мӯҳлати таҳсил дар ин факултет 2 сол аст. Дар факултет ҳамчунин курсҳои ибтидоӣ ва такмили ихтисоси ҳайати қаторӣ ва миёнаи роҳбарикунандаи Раёсати корҳои дохилии вил. Суғд фаъолият доранд. Фак-ти № 5 аз рӯи 2 ихтисоси нав – «Бехатарии сӯхтор» ва «Дифоъ дар ҳолатҳои фавқулода» бо тахассусҳои «Муҳандис» ва «Муҳандис-наҷотдеҳ» мутахассис тайёр мекунад. Таҳсил дар факултет дар шакли рӯзона (4 сол) ва ғоибона (5 сол) ба роҳ монда шудааст.

Дар А. 1500 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. А. 10 маҷлисгоҳ барои лексияҳо, 78 синфхона барои машғулиятҳои гурӯҳӣ (28-тои онҳо махсус гардонида шудаанд), 6 китобхона (дорои зиёда аз 95 ҳазор китобҳои дарсӣ ва махсус) дорад. Дар А. 28 нафар муаллимони унвонҳои илмидошта (3 нафар доктори илм ва 25 нафар номзади илм), 1 нафар Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар Корманди шоистаи Тоҷикистон, 10 нафар «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғ. фаъолият менамоянд. Ҳайати профессорону муаллимони А. шумораи зиёди китобҳои дарсӣ, монография, маҷмӯаи осори илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва ғ. таълиф карда, дар такмили қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии ҶТ саҳми худро гузоштаанд. Олимони А. дар таҳияи Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи милитсия», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-чустучӯӣ», «Дар бораи ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи муборизаи бар зидди хариду фурӯши одамон» ва ғ. фаъолона иштирок карданд. Дар А. аз с. 2009 Маркази омӯзиши забони англисӣ фаъолият дорад. А. ба ривочу равнақи варзиш диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар А. 11 бахши варзишӣ амал мекунад. Варзишгарони А. дар тамоми мусобиқаҳои варзишии шаҳрию ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. Варзишгарони А. аз сент. 2008 то сент. 2009 дар мусобиқаҳои умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок карда, сазовори 23 медал (тилло, нуқра ва биринҷӣ) гардидаанд. А. маҷаллаи илмии «Осори академия»-ро ба табъ мерасонад, ки дар он олимон ва омӯзгорони А. мақолаҳои илмии худро чоп мекунанд.

А. Ш. Розиқзода.

АКАДЕ́МИЯИ ГУНДИШОПУ́Р, Донишгоҳи Гундишопур, мактаби тиббӣ, гаҳвораи тибби илмии форсу тоҷик. А-ҳои 3 – 7 дар Гундишопур фаъолият дошт. Бо дастури Шопури I (писари асосгузори сулолаи Сосониён Ардашер) бунёд ёфта буд. Пештоқи дарвозаи шаҳрро навиштаҷоти «Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст» оро медод. Устодони А. Г. асарҳои табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ (забони давлатии сосониён) тарҷума мекарданд. Онҳо аз обрӯю эътибор ва имтиёзҳои зиёд бархурдор буданд. Нағз донистани анатомияи одам, холисона иҷро кардани вазифа, хондани китобҳои зарурӣ, маълумоти кофӣ доштан оид ба гиёҳҳои шифобахш, истифода карда тавонистани асбобу олоти ҷарроҳӣ, саривақт кумак расондан ба бемор, беғаразӣ дар кори табобат, роҳ надодан ба молу сарватпарастӣ, ғамхорӣ ва хушмуомилагӣ нисбати беморон ва ғ. аз ҷумлаи талаботи асосӣ нисбат ба устодони донишгоҳ маҳсуб мешуданд. А. Г. дар як муддати кӯтоҳ ба авҷи рушду камолот расид. Бис-

ёр олимон аз академияҳои машҳури Афина ва Искандария барои кор ба А. Г. омаданд. Дар он ҷо табибони юнонӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ ва форсӣ аҳлона фаъолият доштанд. Устодони донишгоҳ дар баробари андешидани тадбирҳои муолиҷавӣ ва пешгирии бемориҳо ба фаъолияти илмию омӯзгорӣ, тарҷумаи китобҳо, таҳияи маҷмӯаҳои қомусӣ ва ғ. машғул мешуданд. Дар А. Г. раванди таълим аз бахшҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, дар заминаи бемористони худи академия сурат мегирифт. Дар барномаи таълими донишгоҳ ғайр аз омӯзиши фанҳои тиббӣ ҳамчунин омӯзиши забону адабиёт, таърих, илми нуҷум, санъати сухан, фалсафа ва ғ. пешбинӣ шуда буд. Донишҷӯён ба забонҳои паҳлавӣ ва юнонӣ таҳсил мекарданд. Савияи донишу малакаи онҳо бевосита дар назди бистари бемор санҷида мешуд. Ба донишгоҳ фақат ҷавононе қабул мегаштанд, ки ҳафт ҷузъи муҳими илм (сарфу наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, мусиқӣ)-ро омӯхта, дар ин бобат дониши кофӣ дошта бошанд.

А. Г. китобхонаи бузурге дошт, ки дар 250 бино ҷой гирифта буд. Сардухтури бемористон ҳамзамон вазифаи роҳбари донишгоҳро низ иҷро менамуд. Ба қавли муаррихон аввалин сарвари донишгоҳ *Бухтишӯъ* будааст. Дар А. Г. ҷамъомадҳои илмӣ барпо мешуданд. Мас., с. 561 ҷаласаи якуми олимони тиб баргузор гашт, ки дар кори он аз ҳамаи донишгоҳҳои кишварҳои ҳамҷавор табибон ширкат варзиданд. Ҷаласаро табиби дарбори Хусрави I Ҷибраил Дурустабд (намояндаи сулолаи Бухтишӯъ) сарварӣ кард. Дар ҳайати А. Г. ғайр аз донишкадаи асосии тиббӣ, ҳамчунин шӯъбаҳои дигар ҳам вуҷуд доштанд, ки файласуфу риёзидон, адибу мунаҷҷим ва ғ. тайёр менамуданд.

Саҳми устодони А. Г. хусусан дар таҳқиқу омӯзиши *Авесто* назаррас буд. Онҳо тибби Авесторо бо илми тибби юнонӣ, ҳиндӣ, тибетӣ наздик сохта, онро аз маҳдудияти динӣ раҳо карданд. Тарзу усулҳои ҷадиди муолиҷа, ки табибони А. Г. пешниҳод намудаанд, дар он давр аз беҳтаринҳо маҳсуб мешуд. Устодони донишгоҳ доир ба муолиҷаи бемориҳо дастурҳои гуногун таълиф карда, ба забони паҳлавӣ рисолаҳо менавиштанд. Дар донишгоҳ таҳияву истифодаи дорухои нав, хоса давоҳои наботӣ ривоҷ ёфт; мутахассисон дар кори табобат аз омехтаҳои тилло, нуқра, мис, оҳан ва пайвастҳои хлору сулфатдор истифода мекарданд.

А. Г. зиёда аз 300 сол арзи ҳастӣ кард. Он баъди истилои арабҳо рӯ ба таназзул овард. Китобхона, бозёфтҳои илмӣ ва бархе аз олимони донишгоҳ ба пойтахти хилофати аббосиён – ш. Бағдод интиқол дода шуданд. Дар А. Г. бисёр олимони намоён кору фаъолият доштанд, ки номи баъзе аз онҳо то замони мо расидааст: Бухтишӯи I (нахустин сарвари донишгоҳ), Бухтишӯи II (ваф. 801), Барзуя, Ибни Муқаффаъ, Муҳаммад ал-Ҳарис ибни Калида, Теодорус (табиби насронӣ, ки дар дарбори Шопур хидмат мекард), Собур ибни Саҳл, Саҳорбухт, Мусавейҳ, Абузакариё ибни Мусавейҳ ва ғ. Аз нигоҳи таърихӣ А. Г. нахустин донишгоҳи тиббии ҷаҳон маҳсуб мешавад.

Ад.: Ю. Исҳоқӣ, Я. Тоҷиев, Таърихи мухтасари тибби тоҷик, Д., 1993; Одоби тиб ва пизишкӣ дар Ислом (аз арабӣ тарҷ. Латиф Рошидӣ), Т., 1380 ҳ. *А. Тошев.*

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲО́И КИШОВАРЗИ́И ТОҶИКИСТО́Н (АИКТ), муассисаи олии илмҳои кишоварзӣ. Соли 1991 таъсис ёфта, дар ш. Душанбе воқеъ аст. Ба ҳайати А. 7 нафар узви пайваста, 9 нафар узви вобаста ва 2 нафар аъзои хориҷӣ шомиланд. Шумораи умумии кормандони А. 1108 нафар (431 нафар кормандони илмӣ, аз он ҷумла 30 нафар доктор ва 124 нафар номзадҳои илм) мебошад (2010). Вазифаҳои асосии А.: мусоидат намудан ба пешрафти илмҳои кишоварзӣ, истифодаи босамари дастовардҳои илмӣ дар амалия; тайёр кардани мутахассисони баландихтисос; дарёфти роҳҳои нави тараққии техникаи кишоварзӣ; такмили усулҳои пажӯҳиш бо мақсади баланд бардоштани самараи корҳои тадқиқотӣ; истифодаи таҷрибаҳои пешқадам дар истеҳсолоти кишоварзӣ; ба вуҷуд овардани навъҳои нави зироат, мева, зоти сермаҳсули чорво, занбӯри асал, кирмаки абрешим, паранда ва ғ.; рӯёндани навъҳои беҳтарини тухмӣ; таҳияи генофонди анвои маҳаллии зироат; ба вуҷуд овардани асосҳои илмии истеҳсоли хӯроки чорво, нигоҳубини ҳайвонот ва парандаҳо; ба роҳ мондани усулҳои замонавии ҳифзи растаниҳо ва чорво аз беморию зараррасонҳо, пешгирию табобати ҳайвонот, занбӯри асал ва парандаҳо аз касалиҳо; ҳифзи аҳолӣ аз бемориҳое, ки ба воситаи ҳайвонот интиқол меёбанд; дарёфти асосҳои илмии истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳосилхез гардондани хок, пешгирии эрозия ва шӯрзании замин; ба вуҷуд овардани системаи мошинҳо барои кишоварзӣ ва ғ. Дар таркиби А. 9 муассисаи илмӣ, аз ҷумла 6 ин-ти соҳавӣ (ин-тҳои хокшиносӣ, чорводорӣ, зироат, ветеринария, боғдорию сабзавоткорӣ ва иқтисодиёти кишоварзӣ), Корхонаи илмию истеҳсолии «Маводи биологӣ», Пойгоҳи таҷрибавии Помир, Маркази миллии ҷумҳуриявии захираи генетикӣ фаъолият доранд. Президентҳои А.: *Махсумов* А. Н. (1991 – 93), *Сангинов* Б. С. (1993 – 2005), *Набиев* Т. Н. (2005 – 08), *Аҳмадов* Ҳ. М. (аз 2008). Нашрияи А. «Ахбороти АИ КТ» . *Д. Комилзода.*

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲО́И ТИББИИ ТОҶИКИСТО́Н, АИТТ, муассисаи илмӣ. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ 31 авг. 2009 ташкил шудааст. А. 12 муассиси тадқиқоти илмиро дар бар мегирад: Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекология ва перинотология, Пажӯҳишгоҳи пешгирии бемориҳо, Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология, Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон, Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина, Маркази ҷумҳуриявии илмии хун, Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии стоматологӣ, Маркази ҷумҳуриявии илмию таълимии ҷарроҳии барқарорсозӣ, Маркази ҷумҳуриявии илмии омосшиносӣ, Маркази тадқиқоти илмии дорусозӣ, Маркази ҷумҳуриявии масоили ғизо, Маркази миллии илмии пайванди узв ва бофтаҳои одам. А. аз шӯъбаҳои илмҳои клиникӣ, илмҳои назариявӣ ва фармасевтӣ, аспирантура ва бахши илмию ташкилӣ иборат аст. Манзур аз ташкил намудани А. ба роҳ мондани пажӯҳишҳо дар бахшҳои илмҳои назариявӣ ва амалӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои илмии соҳаи тандурустӣ, дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми тиб, аз ҷумла усулҳои нави ташхис ва табобати бемориҳо, ташкили конгрессу анҷуманҳои илмӣ, муқаррар намудани самтҳои асосии инкишофи илми тиб, тайёр кардани мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи тандурустӣ ва ғ. мебошанд.

А. 5 нафар узви пайваста (Мансуров Ҳ. Ҳ., Мирочов Ғ. Қ., Усмонов Н. У., Додхоева М. Ф., Қурбонов К. М.) ва 6 нафар узви вобаста (Гулмуродов Т Г., Зоиров П. Т., Ҳамидов Н. Ҳ., Файзуллоев Н. Ф., Ғоибов А. Ҷ., Исуфов С. Ҷ.) дорад (2011). Президенти А. – Мирочов Ғ. Қ. (аз 2009).

Ғ. Мирочов.



Бинои Раёсати Академияи илмҳои **ҶТ**.

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲО́И ҶУМҲУРИ́И ТОҶИКИСТО́Н, муассисаи олии илмии ҷумҳурӣ, ки олимони машҳури мамлакатро муттаҳид месозад. Ба ҳайати он аъзои пайваста (академикҳо) ва аъзои вобаста дохиланд. Вазифаҳои асосии А.: инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ, ҳамоҳанг намудани тадқиқоти бунёдиву амалӣ дар ҷумҳурӣ, баррасии масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, амалисозии сиёсати давлатии илмиву техникӣ. 14 апр. 1951 дар асоси Филиали Тоҷикистонии АИ СССР дар Душанбе ташкил шуд. Соли 1932 якумин муассисаи илмии комплексии ҷумҳурӣ – Баъзаи Тоҷикистонии АИ СССР (роҳбараш акад. С. Ф. Олденбург) бо шӯъбаҳои геология ва биология таъсис ёфт. Соли 1941 ба Филиали Тоҷикистонии АИ СССР табдил гардид, ки ба он акад. Е. Н. Павловский роҳбарӣ менамуд. Филиал аз пажӯҳишгоҳҳои геология, ботаника, зоология ва паразитология; таърих, бостоншиносӣ ва этнография; забон ва адабиёт; чорводорӣ; химия; шӯъбаи геофизика, инчунин расадхонаи астрономӣ ва пойгоҳи хокшиносию мелиоратсияи Вахш иборат буд. Пас аз таъсиси А. тадқиқоти илмӣ дар ҷумҳурӣ вусъати тоза пайдо кард. Нахустакадемикҳо С. Айнӣ (филология), Б. Ғафуров (таърих), М. Турсунзода (адабиёт), И. Антипов-Каратаев (хокшиносӣ), С. Плешко (чорводорӣ), Н. Смолский (биология), С. Юсуфова (геология), Ҳ. Юлдошев (меъморӣ) баҳри баланд бардоштани мақоми А. кӯшишҳои бисёр карданд. Дар соҳаҳои геология, химия, астрофизика, сейсмология, биология ва як қатор масъалаҳои илмии ҷамъиятӣ тадқиқоти бунёдӣ шурӯъ шуд. Солҳои минбаъда тадқиқоти соҳаҳои математика, физикаи тачрибавию назарӣ, химияи нефт ва пайвастаҳои табиӣ, физиология ва биофизикаи растаниҳо, иқтисодиёт, таърих, фалсафа, шарқшиносӣ ва ғ. ривоҷ ёфт. А. бевосита ба Ҳукумати ҶТ тобеъ аст. Мақомоти роҳбарии А. интихоб карда мешаванд. Мақоми олии А. – Маҷлиси умумии аъзои пайваста ва аъзои вобаста мебошад, ки масъалаҳои инкишофи илми ҷумҳуриро баррасӣ ва самтҳои асосии фаъолияти А.-ро муайян менамояд. Барои роҳбарӣ дар байни ҷаласаҳои Маҷлиси умумӣ дар ҳар панҷ сол раёсат ва президенти А. интихоб мешаванд. Аз с. 2005 президенти А.-ро Президенти ҶТ таъйин ва Маҷлиси умумӣ тасдиқ менамояд.

Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 16 сент. 2010 № 459 сохтори нави А. тасдиқ гардидааст, ки аз муассисаҳои зарин иборат аст: Ин-ти физикаву техникаи ба номи С. Умаров, Ин-ти астрофизика, Ин-ти математика, Ин-ти химияи ба номи В. И. Никитин, Ин-ти геология ва сейсмология, Ин-ти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, Ин-ти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳо, Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский, Ин-ти биологии Помир ба номи Х. Ю. Юсуфбеков, Ин-ти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ин-ти иқтисодиёт ва демография, Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш, Ин-ти илмҳои гуманитарӣ. Ҳамчунин дар таркиби А. муассисаи давлатии илмиву тачрибавӣ ва истеҳсолӣ, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, марказҳои илмии Хуҷанд ва Хатлон мавҷуданд. А. дорои кафедраҳои фалсафа ва забонҳои хориҷӣ мебошад. Пажӯҳишгоҳҳои илмиву тадқиқотии А. дар се шӯъба муттаҳид гардидаанд: Шӯъбаи илмҳои физикаву математика, химия, геология ва техникӣ; Шӯъбаи илмҳои биологӣ; Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Ноибони президенти А. дар айни замон раисони шӯъбаҳо мебошанд. То июли 2010 дар А. 2266 нафар кор мекарданд, ки аз онҳо 945 нафар корманди илмӣ, аз ҷумла 191 нафар доктори илм, 377 нафар номзади илм ва 367 нафар бе дараҷаи илмӣ мебошанд. Дар айни замон ҳайати А. аз 37 узви пайваста (акад.) ва 44 узви вобаста иборат аст. Дар муассисаҳои илмии А. 264 аспирант ва 6 докторант таҳсил мекунанд.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика, физикаи назариявӣ ва амалӣ; физикаи метеор ва кометаҳо; сейсмологияи минтақавӣ ва муҳандисӣ; тектоника, сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминии ҷумҳурӣ; химияи металлҳои нодир; химияи моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол; фотосинтез; тадқиқоти захираҳои олами наботот ва ҳайвонот; биологияи молекулавӣ, масъалаҳои муҳими таърих ва маданияти халқи тоҷик аз даврaҳои қадим то айёми мо; таърихи тафаккури фалсафӣ ва ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик; иқтисодиёту сарватҳои табиии ҷумҳурӣ; масъалаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик; масъалаҳои таърих, забон, фарҳанг, сиёсати кишварҳои хориҷӣ, осори хаттӣ ва ғ.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон доираи тадқиқоти илмии А. фарох гардид, ба масъалаҳое бештар таваҷҷӯҳ мешавад, ки ҷавобгӯи шароити кунунии ҷумҳурианд. Аз ҷумла таҳлилу баррасии масъалаҳои асосии алоқаманд ба рушди маънавии миллати тоҷик, демография, проблемаҳои бунёди давлати ҳуқуқбунёд, ривоҷи демократия ва ҳуқуқи инсон роҳандозӣ шуданд. Олимони А. дар ҳамкорӣ ба дигар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ баҳри пешбурди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, хусусан дар соҳаи сохтмон, металлургия, саноати химиявӣ, техникаи ҳисоббарор, сейсмология, геология,

тандурустӣ ва ғ. талош меварзанд. Дар чанд соли охир кормандони муассисаҳои илмии А. соҳиби беш аз 150 шаҳодатномаи муаллифӣ ва патенти ҶТ ва Федератсияи Россия гардидаанд.

Дар назди Раёсати А. Шӯро оид ба ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ, Шӯъбаи аспирантура ва докторантура, Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ, Комитети Мукофоти давлатии ҶТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника, Комиссияи аттестатсионии ҶТ доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмиву омӯзгории тахассуси илмӣ амал мекунанд. Китобхонаи илмии марказии ба номи Индира Ганди дорои беш аз 1,5 млн китоб ва дигар нашрияҳо аст. Дар нашриёти «Дониш»-и А. ҳамасола бо теъдоди зиёд китобу рисолаҳои илмии кормандони он ба табъ мерасанд.

А. узви Ассотсиатсияи байналмилалии Академияи илмҳо, Ассотсиатсияи Академияи илмҳои Осиё, Академияи илмҳои давлатҳои мутараққӣ, Шӯрои байналхалқии марказҳои илмӣ мебошад. Бо марказҳои зиёди илмии ҷаҳонӣ, аз ҷумла Маркази байналмилалии илмӣ- техникӣ, муассисаҳои илмии Россия, Австрия, Ҳиндустон, ШМА, Хитой, Япония, давлатҳои узви ИДМ ва ғ. робитаи қавӣ ва ҳамкорӣ дорад.

Президентҳои А.: С. *Айнӣ* (1951 – 54), Ғ. *Алиев* (иҷрокунандаи вазифа, 1954 – 56), С. *Умаров* (1957 – 64), М. *Осимӣ* (1965 – 88), С. *Неъматуллоев* (1988 – 95), Ӯ. *Мирсаидов* (1995 – 2005). Аз с. 2005 президенти АИ ҶТ М. *Илолов* мебошад. *М. Муллоаҳмадов.*

АКАДЕМИЯИ МАҚО́МИ ТОҶИКИСТО́Н, таълимгоҳи амалию таҳқиқии олии мусиқӣ. Соли 2003 бо дастгирии Ҳукумати ҶТ ва мадади бахши фарҳангии Бунёди Оғохон таъсис ёфтааст. Таълиму тарбияи ҳунармандони ҷавон дар А. бо усули нави омӯзишӣ ва дарки асосҳои «Шашмақом» сурат мегирад. Барномаи дарсӣ ҳоҷеъ ба асосҳои ташаккули пардаии мақомҳо, таносубу ҳамоҳангии зарбии мусиқӣ ва авзони шеърӣ, сохтору ниҳодҳои оҳангии ин падидаи мусиқию шеърӣ ва ғ. бар пояи пажӯҳишҳои илмию амалӣ анҷом ёфта, баёнгари афзалияти ин боргоҳи ҳунарии ҳирфаӣ аст. Ҳадафи таъсиси А. эҳёи анъанаҳои асили устодонаи мусиқии «Шашмақом» (устод-шогирд, силсилахонӣ, эҷоди мусиқии мақомӣ), тарбияи насли нави иҷрокунандагону таргибгарон, донандагону эҷодкорони ҳирфаии мусиқии «Шашмақом», иҷрои маҷмӯии мақомҳо бо такмили нав ва сабти он ба навор, интишори китобу рисола ва таълифи дастуру барномаҳои таълимӣ ҳоҷеъ ба масоили мубрами ин шоҳкории машҳури мусиқӣ мебошад. Гурӯҳи ҳунармандони А. қисмҳои «Наср» ва «Савт»-и мақомҳои «Рост», «Наво», «Бузург», «Дугоҳ», «Ироқ», «Сегоҳ»-ро дар маҷмӯъ ба шакли силсила омӯхта, сабти аудиоӣ ва видеоии онҳоро барои дӯстдорони ҳунари зебо пешкаш намудаанд. А. бо барномаҳои консертӣ ғайр аз манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ ба бисёр кишварҳои Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёнаю Наздик, Европаю Америка сафар намуда, сарвати гаронбаҳои тӯли асрҳо эҷоднамудаи точиконро бо тозаҳунарӣ манзури бинандагони сершумор гардондааст. Ҳунармандони А. дар рӯзҳои фарҳанги точик дар Россия (Москва, 2005), Франсия (Париж, 2005), фестивали байналмиллалии «Шашмақом» (Душанбе, 2006) ва ғ. иштирок намудаанд. А. *Абдурашидов* (аз 2003) президенти А. мебошад.

Ад.: Таджикская музыка, Д., 2003; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

АКАДЕ́МИЯИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМО́НИ ҶУМҲУРИ́И ТОҶИКИСТО́Н, маркази асосии илмиву эҷодӣ ва ҳамоҳангсозии Тоҷикистон дар соҳаи меъморӣ ва бинокорӣ. 21 февр. 1995 барои мусоидат намудан ба фаъолияти иттиҳоди олимон ва мутахассисони фаъоли ҶТ дар соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ, бинокорӣ ва истеҳсолот, кормандони эҷодии санъати ороиши амалӣ ва монументалӣ ва бо мақсади инкишофи меъморию шаҳрсозӣ дар ҶТ, дар як марказ ҷамъ овардани иқтидорҳои зеҳнӣ ва дар хоҷагии халқ амалан истифода бурдани онҳо таъсис дода шудааст. Дар ҳайати А. 4 узви пайваста, 18 узви вобаста, 12 узви фахрӣ, 10 узви хориҷӣ ва тақр. 60 мушовири академикӣ шомиланд. Аъзои пайваста ва аъзои вобаста ба воситаи овоздиҳии пинҳонӣ дар асоси озмун интихоб мешаванд. Аъзои фахрӣ ва хориҷӣ, инчунин мушовирҳои академикӣ бо овоздиҳии кушода дар асоси тавсияҳои шӯъбаҳо ва раёсати А. интихоб мегарданд. Дар байни 104 аъзои А. 6 нафар узви Академияи байналмилалии илмҳои педагогӣ, муҳандисӣ, меъморӣ, 10 нафар узви академияҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ, 9 нафар докторони илм, 13 нафар профессорон, 4 нафар дорандаи Мукофоти давлатӣ ва ленинӣ, 2 меъмори шоиста, 5 бинокори шоиста, 1 корманди шоиста, 1 Ходими шоистаи санъат, 2 Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 Рассоми шоистаи Тоҷикистон мебошанд. Дар байни онҳо олимони машҳур Н. Н. Неъматов, Х. Р. Содиқов, С. Д. Исоева, Р. С. Муқимов, С. М. Мамадҷонова, С. Н. Шарипов, Б. Ҷ. Ҷабборов ва дигарон ҳастанд. А. 35 ташкилот, идора, комитет ва вазоратҳоро муттаҳид мекунад (зиёда аз 2, 5 ҳазор нафар).

Мақоми олии А. Маҷлиси умумӣ, мақомоти идоракунандааш Раёсат ва Бюрои он мебошанд. Февр. 1995 раиси А. Б. А. Зуҳуриддинов, ноибҳои раис А. С. Муқимов ва Н. Х. Яъқубов интихоб шуданд. А. бо Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ, пажӯҳишгоҳҳо ва ташкилоти асосии лоиҳакашии давлатӣ, АИ ҶТ, *Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон,* Академияи илмҳои меъморӣ ва бинокории Федератсияи Россия ва дигар ташкилотҳои мамлакатҳои хориҷаи наздик ва дур робита ва ҳамкории зич дорад. А. дар таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон» (онро майи 1997 Маҷлиси Олии ҶТ тасдиқ кард), амалигардонии Барномаи комитети иҷроияи байналмилалӣ оид ба нуқтаҳои аҳолинишини назди Департаменти меъморӣ ва сохтмони Тоҷикистон фаъолона иштирок кардааст. 3 монография, васоити таълимӣ, маълумотномаҳо ба табъ расонд. Аъзои А. дар ШМА, Туркия, Ҳиндустон, Екатеринбург ва ғ. ихтисоси худро такмил додаанд.

Р. Муқимов.

АКАДЕ́МИЯИ МУҲАНДИСӢ́И ҶУМҲУРИ́И ТОҶИКИСТО́Н, ташкилоти илмию техникӣ ва эҷодии ҷамъиятӣ. Соли 1991 ҳамчун шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи муҳандисии ИҶШС таъсис шуд. 3 июли 1992 А. ном гирифт. А. олимон ва муҳандисони пешқадами ҷумҳуриро барои таҳкими робитаҳо байни пажӯҳишҳои асосӣ, коркардҳои техникӣ, инноватсия, технологияи пешқадам ва ҷорӣ намудани дастовардҳои муҳандисӣ дар истеҳсолот ба таври ихтиёрӣ ва интихобӣ муттаҳид менамояд. Ба ҳайати Академияи муҳандисии байналхалқӣ (АМБ), Федератсияи инҳои муҳандисии кишварҳои исломӣ шомил аст ва узви Шӯрои ҷамъиятии ҶТ мебошад.

Ба ҳайати А. 45 узви пайваста, 48 узви вобаста, 23 мушовири академикӣ, 34 доктори илм, 45 номзади илм, 10 Ходими хизматнишондодаи илми ҶТ,

муаллифони ихтироот ва таклифҳои ратсионализаторӣ, аъзои шӯроҳои олимон ва шӯроҳои махсусгардонидаи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, 12 аъзои фахрии хориҷӣ, 9 узви пайваста ва 11 узви вобастаи АМБ шомиланд. Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи тоҷик» (ТАЛКО), Корхонаи давлатии «Востокредмет», Ширкати саҳҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик», Комбинати маъдантозакунии Анзоб, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ғ. аъзои коллективии А. мебошанд.

А. дар самтҳои зерин фаъолият дорад: геология, истихроҷ ва коркарди сарватҳои зеризаминӣ; системаҳои иттилоотӣ, алоқа ва телекоммуникатсия, метрология ва стандартонӣ; коммуникатсия,системаи наклиёт;мошинсозӣ; металлургия ва масолеҳшиносӣ; экологияи муҳандисӣ, мониторинг ва сарфакории энергия; сохтмон, саноати бинокорӣ ва меъморӣ; технологияи саноати хӯрокворӣ ва маҳсулоттайёркунӣ; технологияи химиявӣ ва биохимиявӣ; иқтисодиёт, ҳуқуқ ва идоракунии фаъолияти муҳандисӣ; энергетика; муҳандисӣ дар тиб; муҳандисӣ дар фаъолияти ичтимоӣ; туризми илмӣ ва экологӣ. Дар назди А. як қатор корхонаҳои хурди истеҳсолӣ фаъолият доранд, Пажӯҳишгоҳи экологияи инсон ташкил карда шудааст.

А. масъалаҳои ташкиливу сохтории ҷории фаъолияти худро ҳал карда, лоиҳаҳои муҳандисиву техникӣ, барномаҳо ва таклифҳо таҳия менамояд, барои таҳия ва татбиқи қарорҳои илмиву техникӣ шарикон меҷӯяд, конференсия ва семинарҳои илмиву техникӣ доир менамояд, дар фаъолияти табъу нашр ширкат меварзад, робитаҳои байналхалқиро ривоҷ медиҳад, дар масъалаҳои муҳандисӣ ба корхонаву муассисаҳои ҷумҳурӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маслиҳатҳо медиҳад. Дурнамои рушди А. бо кашфи иқтидорҳои калони илмӣ ва техникию инноватсионивву муҳандисӣ марбут аст. Солҳои 1991 – 96 Президенти А. Ваҳҳобов А. буд. Аз с. 1996 раиси А. узви вобастаи АИ ҶТ А. Катаев мебошад. *А. Катаев.*

АКАДЕМИ́ЯИ САНЪА́ТИ ТЕАТРИ́И РОССИ́Я, бузургтарин мактаби олии таълимии санъати театрӣ дар Россия, ки с. 1991 дар заминаи *Институти давлатии санъати театрии Москва* ба номи А. В. Луначарский (ИДСТ) ташкил шудааст. Дар 8 фак-ти А. доир ба ҳамаи ихтисосҳои театрӣ мутахассис тайёр карда мешавад. А. дорои магистратура ва аспирантура, аз ҷумла аспирантура оид ба ихтисоси эҷодӣ (ассисентура – коромӯзӣ) ва театри таълимии ИДСТ мебошад. А. муассисаи таълимии беназир аст, чунки доир ба тамоми ҷанбаҳои маълумоти олии театрӣ факултетҳо дорад. А. ҳам маълумоти олии гуманитарӣ ва ҳам маълумоти олии махсус медиҳад. Донишҷӯён имконият доранд, ки ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар А. бо режиссёрон, продюсерон, балетмейстерҳо, мунаққидон, стенографҳо, мудирон ва директорони театрҳо шинос шаванд ва бо онҳо робитаи эҷодӣ барқарор намоянд. Самаранокии таҳсили А. дар он аст, ки коргоҳҳои эҷодиаш дар охири таҳсил қобилияти ташкили театрҳои мустақилро доранд (мас., коргоҳи О. Табаков, А. Василев дигарон).

А. муассисаи таълимии мустақил аст. Он бо мактабҳои театрии Британияи Кабир (Ун-ти Мидлсекс, Мактаби мусиқӣ ва драмаи Лондон «Гилдхол», Мактаби театрӣ дар Гилдфорд), Франсия (Консерваторияи миллии санъати драмавӣ дар Париж, Мактаби олии миллии санъати театрӣ дар Лион), Голландия (Академияи театрӣ дар Амстердам), Германия (Марказии байналхалқии театрӣ дар Берлин), Исроил (Мактаби театрии «Бейт-Сви» дар Тел-Авив), Хитой (Академияи марказии драма дар Пекин), Чехия (Академияи мусиқӣ ва санъати драмавӣ дар Брно), Италия (Академияи санъати драмавии ба номи Силвио д Амико дар Рим), ШМА (унтҳои Колгейт ва Корнел), Барномаи интернатсионалии MA-MFA-Short courses (Лондон, Мадрид, Москва, Париж) ҳамкорӣ дорад. Устодону донишҷӯёни А. дар фестивали мактабҳои байналхалқии театрӣ иштирок менамоянд. ИДСТ ташаббускори ҳар ду сол дар Москва гузарондани фестивали байналхалқии мактабҳои театрии «Подиум» мебошад. Дар А. шакли таҳсил рӯзона ва ғоибона, мӯҳлати таҳсил 4 – 5 сол аст.

АКАДЕ́МИЯИ ТАҲСИЛО́ТИ ТОҶИКИСТО́Н, муассисаи олии илмиест, ки олимони намоёни илми педагогика ва ходимони машҳури маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид менамояд. 29 апр. 2002 бо қарори № 482-и Ҳукумати ҶТ таъсис ёфт. Аввал Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи ҶТ ном дошт. 29 апр. 2009 бо қарори № 264-и Ҳукумати ҶТ А. номгузорӣ шуд. Ба ҳайати А. Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, Маркази омӯзиши таърихи маорифи Тоҷикистон дохиланд. Аввалин президенти А. акад. *Лутфуллоев* М. буд. Ноябри 2008 Каримова И. Х. президенти А. таъйин гардид. Дар ҳайати Раёсати А. 4 узви пайваста ва 8 узви вобаста фаъолият доранд. Сохтори А. аз шӯъбаҳои арзёбии таҳсилот, илм ва татбиқи мавзӯъҳои фармоишӣ, омӯзиши масъалаҳои сиёсати таҳсилот, бахшҳои аспирантураю докторантура ва кадрҳо, ҳамчунин аз шӯъбҳои муҳосиботу хоҷагидорӣ иборат аст. А. муассисаи олии илмии ғайритиҷоратӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, роҳбарии илмию методии рушди тадқиқоти афзалиятноки бунёдӣ ва амалии соҳаи маориф, истифодаи пурсамари дастовардҳои илм ва тайёр кардани кадрҳои илмии баландихтисос машғул аст. Дар назди А. шӯрои дифои рисолаи докторӣ оид ба тахассуси педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (130001) ва тахассуси методикаи таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (130002) фаъолият мекунад. Маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилот» нашрияи А. мебошад. *И. Каримова.*

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́, пирях дар Помири Ғарбӣ, яке аз шохаҳои чапи пиряхи *Федченко*. Дар нишебаи шарқии қ-кӯҳи Академияи Фанҳо, дар баландии 4600 м воқеъ гашта, забонаи он то баландии 3200 м мефурояд. Тӯлаш 7,7 км, масоҳ. 46 км^2. Яке аз шохобҳои чапи д. *Баландкиик* аз он сар мешавад.

АКАДЕ́МИЯИ ХУ́РДИ ИЛМҲО́И ҶУМҲУРИ́И ТОҶИКИСТО́Н, иттиҳодияи ихтиёрии эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ, ки барои тадбирҳои интихоби касбу ҳунари мактаббачагон ва ҷалби онҳо ба эҷодиёти муташаккилонаи илмию техникӣ, инкишофи маърифат, малакаҳои илмию тадқиқотӣ, ихтироъкорӣ, фаъолияти таҷрибавии беруназдарсӣ таҳти роҳбарии олимон, устодони мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, мутахассисони хоҷагии халқ нигаронида шудааст. Соли 1971 дар заминаи Қасри пионерону мактаббачагони ҷумҳурӣ бо ибтикори АИ РСС Тоҷ., Вазорати маорифи ҶТ, КМ ИЛКҶ Тоҷикистон, бо ҳамкории зичи Ҷамъияти умумииттифоқии ихтироъкорону ратсионализаторон, садорати ҷумҳуриявии Иттифоқи ҷамъияти ил-

миву муҳандисии ИҶШС, ҷамъияти ҷумҳуриявии «Дониш» ва ғ. таъсис ёфтааст. А. шакли фаъоли ҳамкории пажӯҳишгоҳҳои АИ ҶТ, мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос аз ҳисоби хонандагони соҳибистеъдоди синфҳои болоии мактабҳои миёна барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мебошад. Раёсаташро Президент ба ӯҳда дошта, ду ноиби Президент ва котиби илмӣ аъзои он ҳастанд. Мақоми идоракунии А. Шӯрои илмии хонандагони синфҳои болоӣ мебошад, ки дар он намояндагони ҳамаи бахшҳо шомиланд. Шӯро ба ҳалли масъалаҳои ташкилии фаъолияти А. дар байни ҷаласаҳо машғул мегардад. А. аввал аз панҷ бахш – илмҳои ҷамъиятӣ, физикаю математика, геологияю химия, тиббию биология, кишоварзӣ иборат буд. Соли 1983 дар А. бахшҳои иқтисод, экология, журналистика, филологияи тоҷик, педагогикаю психология, меъморӣ ташкил ёфтаанд. Соли 1987 филиалҳои он дар Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хоруғ, инчунин як қатор ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ кушода шудаанд. Ба ҳар узви А. нишони сарисинагӣ ва шаҳодатнома, ба беҳтаринҳо унвони «узви пайваста» ва «узви вобаста»-и А. дода мешавад. Аъзои А. аз воситаҳои таълимии муассисаҳои илмӣ, кафедраю фак-ҳои мактабҳои олӣ ҳамаҷониба истифода мебаранд. Масалан, аъзои А. дар бахши меъморӣ бевосита дар синфхонаҳои шӯъбаи меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ таҳсил менамоянд ё дар ҳафриёте, ки Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ мегузаронад, ҳамроҳи олимон иштирок менамоянд. Аз миёни аъзои А. нафарони зиёде ба илму дониш дил баста, ҳоло ҳамчун олимони варзида ва мутахассисони боистеъдод дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолият доранд. Аз с. 2009 А. ҳамчун Шӯъбаи кор бо мактаббачагони назди Раёсати АИ ҶТ мақоми расмӣ гирифт.

Президентҳои А.: И. *Носиров* (1971 – 80), Х. *Каримов* (1980 – 81), Д. *Почоҷонов* (аз с. 1981). *Р. Муқимов.*.

АКАДЕ́МИЯИ ШЕЪРӢ ҶАҲО́Н, Фарҳангистони шеърии ҷаҳон, иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалии адабӣ, фарҳангии ғайридавлатӣ, ки дар асоси принсипҳои демократӣ, озодии сухан, баробарҳуқуқии ҳамаи аъзояш амал мекунад. Соли 1998 бо ибтикори Шоири халқии Тоҷикистон *Гулрухсор* таъсис дода шудааст (18. 9. 2008 дар Вазорати адлияи ҶТ муҷаддадан сабти ном гардид). Самтҳои фаъолияти А.: омӯзиши шеъри ҷаҳон, ҷараёнҳои нави адабӣ, тарҷума ва нашри осори адибони машҳури дунё, таҳкими равобит ва дӯстии байни эҷодкорони кишварҳои гуногун, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, ташкили сафарҳои илмӣ-адабӣ барои омӯзиш ва гирдоварии эҷодиёти шифоҳии халқ, баргузор кардани анҷуманҳо, конференсияҳои илмию адабӣ, симпозиумҳо, ҳамоишҳо, маҳфилҳо ва ғ. (дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои эҷодии дохили ҷумҳурӣ ва хориҷ аз кишвар). Ба узвияти шахсони машҳури ҷаҳон, новобаста аз шаҳрванди кадом кишвар буданашон ва ё корхонаҳову муассисаҳо, соз-мону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, эҷодӣ дар асоси ариза ва қарори раёсати А. пазируфта мешаванд. А. ш. ҷ. дар вил-ҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ шӯъбаҳо дорад.

Аввалин аъзои А. аз Тоҷикистон М. Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон мебошанд. Ба узвияти А. Казакова Р., А. Вознесенский (Россия), Б. Олейник, И. Драч (Украина), О. Сулаймонов (Қазоқистон), В. Некляев (Белоруссия), Зарринкӯб, Муҳаммадшафеи Кадканӣ, Қайсари Аминпур (Эрон), Валиуллоҳи Ансорӣ (Ҳиндустон) ва дигар адибон интихоб шудаанд. Аз ҷониби А. якчанд CD – албомҳои «китоби гӯё» – «Тӯфони ишқ» (шеърҳои Ҷалолуддини Румӣ, ровӣ Гулрухсор; сурудҳо бар матни ашъори Мавлоно дар иҷрои ҳофизони тоҷик), «Машриқи пиёла», (ашъори Ҳофиз, ровӣ Гулрухсор), «Соғари хамёза» (Бедил, ровӣ Гулрухсор), «Ориёно» (мунтахаби ашъори Гулрухсор, ровӣ худи шоира, бо таронаҳои қадимии суғдӣ, шуғнӣ, классикӣ ва ғ. дар иҷрои сарояндагони тоҷик) сабт гардидаанд. А. инчунин маҷмӯаҳои ашъори Ҷалолуддини Румӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Қайсари Аминпур, Рустами Ваҳҳоб, Сиёвуш ва дигаронро ба табъ расондааст. А. дар ҷумҳуриҳои ИДМ, кишварҳои Шарқ, Европа, ШМА ҳамоишҳои адабию фарҳангӣ, базми шеъру тарона баргузор кардааст ва ин фаъолияташ идома дорад.

М. Шарифзода.

А’КАПЕ́ЛЛА (итал. acapella – ҳамсароӣ), сарояндагии дастаҷамъии бисёровоза бе ширкати созҳои мусиқӣ. Истилоҳи «А.» аз калимаи *капелла* гирифта шуда, дар ох. а. 17 ба истифода даромад. Дар ибтидо услуби муайяни мусиқии хориро ифода мекард, ки диққати асосӣ на фақат ба амиқию равшании матн, балки ба тарзи овозхонӣ ва таркибу мувофиқати умумии овозҳо равона шуда буд. Услуби А. бисёровоза (полифонӣ) буд; бештар пардаҳои аслӣ (диотонӣ) истифода мешуданд. Ба овозҳои вокалӣ созҳои мусиқӣ низ ҳамовоз мешуданд. Ҳанӯз дар асрҳои миёна, то даме ки истилоҳи «А.» мавқеъ ёфт, ин услуб – услуби асосии маданияти мусиқӣ гардид. Он дар давраи Эҳё дар асарҳои полифонии композиторони нидерландӣ (Жоскен Депре, Орландо Лассо) ва мактаби римӣ ба авҷи аъло расид. Аз авв. а. 19 сар карда, ҳангоме ки услуби А. дар санъати мусиқӣ ҷойи муайянеро ишғол намуд, созҳои мусиқӣ аз сафи ҳамовозӣ баромаданд ва истилоҳ маънои ҳозиразамонро гирифт. Дар ин услуб бойгарӣ, назокат, тароват ва зебоии овози сарояндагӣ ба таври пурра нишон дода мешавад, бинобар ин таваҷҷӯҳи композиторони давраҳои гуногун ба услуби А. бештар гардид. А. дар эҷодиёти як зумра композиторони муосири тоҷик мавқеи хос дорад. «Чархофалак», «Сад дог», «Регравон», «Кӯҳи Ҳисор», «Панди Ҳофиз»-и Х. Абдуллоев, «Рӯи гулгун», «Дар кӯҳу дар дашт», «Ман доғ»-и Ф. Одинаев, «Акрамҷон»-и М. Атоев, «Дарё, ки калон шавад», «Лолаҳо дар ёлаҳо»-и Т. Сатторов, «Базми наврӯзӣ», «Гуларӯсак»-и Д. Дӯстмуҳаммадов, «Соқиномаи рок», «Суруди меҳнат»-и Ҷ. Охунов, «Барқи зафар»-и Ф. Баҳор, «Суруди дӯстӣ»-и Ш. Пӯлодӣ ва ғ. ба тарзи А. таҳия шудаанд. Хормейстери соҳибистеъдоди тоҷик К. Ҳалимов зиёда аз 40 суруди хориро ба тарзи А. таҳия кардааст, ки қариб 20-тои онҳо дар иҷрои ансабли «Шарора»-и ДДСТ ба номи М. Турсунзода садо дода, дар хазинаи мусиқии радиои тоҷик маҳфузанд.

Ш. Ҳабибов.

АКАРАПИДО́ЗИ ЗАНБӮР, акароз, акариоз, касалии занбӯри асал, ки канаи Acarapis Wo odi Rennie (аз оилаи Tarsonemidae) ба вуҷуд меоварад. Бори нахуст с. 1904 дар ҷаз. Уайт (Англия) ба қайд гирифта шудааст. Барангезандаи А. з.-ро с. 1920 олими шотландӣ Ҷ. Ренни бо ҳамкоронаш муқаррар намуд. Канаҳо аввал дар ҷуфти 1-уми трахеяҳои сина, дар асоси болҳо, халтаҳои ҳавоии шикам, сарсина ва сар ҷой мегиранд. Онҳо дар трахеяҳои сина афзоиш ёфта, тадричан ба трахеяҳои тамоми организм паҳн мегарданд. Барангезанда ба роҳи нафас (трахеяҳои сина),

тахтапушту қафаси сина, буни бол ва ғ. тухм мегузорад. Канаҳо шираи организми занбӯрро макида, аз худ захр хориҷ мекунанд ва бо ҳамин роҳ онро нобуд месозанд. Кана берун аз организми занбӯр ҳамагӣ 3 – 4 рӯз умр мебинад. Занбӯри солим аз занбӯрҳои касал сирояти меёбад. Аломатҳои касалӣ баъди 2 – 4 соли сирояти ёфтани оилаи занбӯри асал зоҳир мегарданд. Парешонии болҳо ва парвоз карда натавонистани занбӯр аломатҳои А. буда, асосан авв. баҳор мушоҳида мешаванд. А.-ро фақат бо роҳи санҷиши лабораторӣ аниқ ташхис кардан мумкин аст. Бо мақсади аниқ муқаррар кардани А. з. аз ҳар оилаи занбӯрҳои гумонбар ба касалӣ ба лабораторияи ветеринарӣ 30 – 50 занбӯри касалро фиристодан лозим аст. А. з.-ро бо эфирсулфонат, фалбекс, нитробензол, метилсалитсилат, этилсалитсилат ва ғ. муолиҷа мекунанд. Вале бо мақсади пурра нест кардани А. з. ҳамаи занбӯрҳои касал ё ба касалӣ гумонбарро нобуд кардан лозим аст. Роҳи пешгирии А.: баҳорон пеш аз парвози нахустин оилаи занбӯрҳоро бояд бодиққат аз назар гузаронд. Дар ҷойҳои карантини касалӣ хариду фурӯши занбӯр манъ аст. Асал ва прополиси занбӯрҳои касал барои одам ва занбӯрҳои солим хавфнок нест, бинобар ин савдои онро манъ накардаанд. *Г. Н. Шахматов.*

АКАРИСИ́ДҲО (аз юн. akari – кана ва лот. caedo – мекушам), моддаҳои химиявие, ки барои нобуд кардани канаҳо таъйин шудаанд. Барои несту нобуд кардани канаҳои растанихӯр инсектисидҳои фосфорорганикӣ (метафос, метилнитрофос, трихлорметафос ва ғ.), хусусан инсектисидҳои системавӣ (фосфамид, метилмеркаптофос, октаметил ва ғ.) аҳамияти калон доранд. Спиртҳои ароматӣ, эфири кислотаҳо, сулфидҳо, сулфонҳо, азобензол, нитрофенолҳо, баъзе пайвастҳои органикии фтор, инчунин хокаю маҳлули сулфурро низ чун А. истифода бурдан мумкин аст. Бо мақсади нобуд намудани канаҳои хунмак инсектисидҳои хлорорганикӣ, аз ҷумла келтан, милбекс, тедион (тетрадихлон), хлорбензид (хлорпарасид), хлорбензилат, эфирсулфонат (овотран), фосфорорганикӣ ва эфири кислотаҳои карбаминро кор мефармоянд.

АКАРО́З, х о р и ш а к, касалии музмини ҳайвонот, ки бо хоришу илтиҳоби пӯст чараён мегирад. Ангезандаҳои касалӣ хоришканаҳо мебошанд. Сирояти ҳангоми тамос бо ҳайвони касал, ҳамчунин аз ашёи нигоҳубини чорво, ки дар онҳо канаҳо ҷой доранд, ба вуҷуд меояд. А. хусусан тирамоҳ ва зимистон хурӯҷ мекунад. Ба пайдоиши касалӣ дар ҷойи нам, ифлос ва сарду торик нигоҳ доштани ҳайвонот мусоидат менамояд. Ғизои бесифат низ муҷиби сар задани касалӣ мешавад. Ба А. бештар ҷавонаҳо ва ҳайвоноти лоғар гирифтор мегарданд. Дар ҷисми ҳомил канаҳо 4 – 6 ҳафта зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба қабати пӯст даромада, нӯги асабҳоро ангезиш медиҳанд. Ҳайвон тоқат накарда, ҷойи иллатёфтаро дар девору харсанг ва танаи дарахтон мехорад, дар натиҷа пӯст дағал ва ғафс гашта, пашм мерезад. Гову гӯсфандон хароб ва каммаҳсул мешаванд. Интихоби тарзу усули табобати А. ба хусусияти касалӣ ва фасли сол вобаста аст. Аспҳоро, одатан, ба камераи махсус андохта, ангидриди сулфат дуд мекунонанд; ҳайвоноти дигарро бо марҳамҳои гуногун табобат менамоянд. Ҳангоми саросар сирояти ёфтани чорво ё бо мақсади пешгирии касалӣ, ҳайвонотро дар ҳавзҳои дорудор (гексахлоран, креолин ва ғ.) оббозӣ медоранд. Ҳамзамон оғилхона ва ашёи нигоҳубини чорво дезинфексия карда мешавад. Азбаски доруҳои барои табобат пешбинишуда ба тухми канаҳо таъсир намекунанд, муолиҷа вобаста ба давраи инкишофи паразитҳо такрор хоҳад ёфт. Ҳангоми дар хоҷагӣ ба қайд гирифта шудани А. чорворо ба 3 гурӯҳ ҷудо менамоянд: моли касал; моли гумонбар ба касалӣ; моли солим. Ҳар гурӯҳи ҳайвонот алоҳида нигоҳ дошта мешавад. Хоҷагӣ ҳамон вақт солим ҳисоб меёбад, ки агар дар тӯли 20 рӯзи баъди андешидани тадбирҳои зарурӣ ҳолатҳои нави ба касалӣ дучор омадани чорво ба қайд гирифта нашаванд. *Г. Н. Шахматов.*

АКАРОЛО́ГИЯ (аз юн. akari – кана ва logos – илм), як фасли зоология, ки канаҳоро меомӯзад. А. бахше аз арахнология (илм дар бораи тортанакшаклон) аст. А. доир ба анатомияи муқоисавӣ, эмбриология, физиология, экология, зоогеография, филогения ва таснифи канаҳо, ҳамчунин масъалаҳои марбут ба тиб, ветеринария ва кишоварзии онҳо баҳс мекунад. Дар Тоҷикистон масъалаҳои ба А. вобастаро Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский, ин-тҳои тадқиқоти илмии чорводорӣ ва ветеринария, Ин-ти пешгирии бемориҳо ва фак-ти ветеринарияи ДАТ ҳаллу фасл менамоянд. *Е. А. Манилова.*

АКАРТА́Н, як навъ акарисид. Барои нобуд кардани канаҳои растанихӯр, занбӯруғҳои касалиовари пахта, дарахтони меваи ситрусӣ ва зироат (ба ҳар гектар 2 – 4 кг) истифода мекунанд. Барои одаму ҳайвон зарар дорад.

АКБА́Р АБДУЛЛО́ (Абдуллоев Алиакбар Шарифович; тав. 9. 6. 1950, деҳаи Дашти Ҷуми ноҳ. Шӯрообод), шоири тоҷик, ходими низомӣ, полковник. Техникуми индустриалӣ-педагогии ш. Душанбе (1969) ва собиқ Мактаби олии ВКД СССР (дар Тошканд; 1976), Донишгоҳи такмили ихтисоси Прокуратураи генералии СССР (дар ш. Ленинград, ҳоло Санкт-Петербург; 1981), курсҳои махсуси собиқ Академияи ВКД СССР (дар ш. Москва; 1986), Академияи Вазорати амнияти Миср (ш. Қоҳира; 1995)-ро хатм намудааст. Фаъолият дар ШКД-и ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон (1976 – 2000), сардори Шӯъбаи минтақавии мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккили ВКД ҶТ (2000 – 05), муовини сардори раёсати тафтишоти Саридораи политсияи андози ҶТ (2006 – 07), муовини сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ (2007 – 08). Аз с. 2009 директори генералии Маркази ҷумҳуриявии тарғиб ва ташаккули маърифати зидди коррупсионӣ. Шеърҳои нахустинаш с-ҳои 70 а. 20 дар матбуот ба табъ расидаанд. Маҷмӯаҳои ашъораш «Розҳои танҳоӣ» (1991), «Фарёди ёри дур» (1994), «Кошонаи сӯхта» (1997), «Созҳо аз розҳо» (2001), «Андешаҳо» (2004), «Ниёзи дил» (2008) ба табъ расидаанд. Як маҷмӯааш – «Раздумье» («Андешаҳо») ба забони русӣ нашр гардидааст. Мавзӯъҳои ашъораш ватандӯстӣ, васфи зебоиҳои табиати кишвар, ишқу ҷавонӣ ва ғ. мебошанд. А. А. Корманди хизматнишондодаи ВКД, Аълочии ВКД, Аълочии фарҳанги ҶТ, Устоди варзиши СССР оид ба «дзю-до» мебошад. Узви ИН (1993) ва ИЖ Тоҷикистон (2006).

А. Раҷабзод.

АКБА́Р Абулфатҳ Ҷалолуддин Муҳаммад (1542 – 1605), сеюмин ва машҳуртарин подшоҳи Ҳиндустон аз силсилаи *Темуриёни Ҳинд* (Муғулҳои бузурги Ҳинд), арбоби давлат, сарлашкар. Пас аз марги Ҳумоюн (1556) дар 14-солагӣ соҳиби тахту тоҷи давлати Ҳиндустон шуд. Азбаски ӯ ҳанӯз хурдсол буд, корҳои давлатиро то муддате вазираш Байрамхон сомон медод. Пас аз 18-солагӣ (аз с. 1560) А. зимоми давлатдориро ба дасти худ



Акбар Абдулло.



Акбарзод Мубашшир.

гирифт. Вай дар навбати аввал тавонист муқовимати афғонҳоро рафъ кунад ва минбаъд Ҷайнпур, Гволиур, Аҷмир, Гондвоноро тасхир карда, мулкҳои Читор ва Тантҳамборро ҳам зери итоати худ даровард. Андаке баъдтар навоҳии бойи Рочистон, Гуҷарот, Бамғол, Кобул, Кашмир, Синд, Дакан, Аҳмаднагарро низ фатҳ кард ва Деҳлию *Агра*ро пойтахти давлатдории Темуриёни Ҳинд қарор дод. А. бо давлатҳои ҳамсояи худ, аз қабили Сафавиҳои Эрон робитаи дӯстона барқарор намуд; ҳамчунин бо Убайдуллохон (хони шайбониёни ӯзбек) низ муносибатҳои ҳасана ба даст овард; дар аҳди ӯ байни Темуриёни Ҳинд ва давлатдории Туркияи Усмонӣ дар мавриди хатари муштарак (ҳузури португалиягиҳо дар Уқёнуси Ҳинд ва ноҳияҳои соҳилӣ) паймонҳои чиддӣ баста шуданд. Дар давраи ҳукмрониаш А. лашкари низомии савора таъсис дод, ки дар ҷангҳо ва муборизаҳо бо феодалҳои маҳаллӣ ва лашкари бегонагон қувваи асосӣ буд. Ба сипаҳсолорон ба ҷойи замин маоши пулӣ муқаррар намуд, сипоҳро аз нав бо силоҳи навтар ҷиҳозонд. А. на танҳо сарлашкари боистеъдод, балки яке аз машҳуртарин ходимони давлатӣ дар таърихи Ҳиндустон буд; ӯ ба аъёну ашрофи Ҳинд такя карда як қатор чорабиниҳои давлатӣ доир намуд: аввалан ҳудуди давлатро ба 12 остон (мисли вилоят ё штатиёлат) тақсим кард, системаи муносиботи арзӣ ва молиро ба низоми муайян даровард – андозаи молиётро мушаххас ва пардохти чизяро манъ кард, унсурҳои мухталифи нажодӣ ва қавмиро (эронӣ, турк, афғон, дравид ва ғ.) ба ҳам наздик намуд ва аз байни онҳо табақоти ҷадиди ичтимоӣ ба номи «мансабдорони мамлакат»-ро ташкил дод. А. барои ривоҷу равнақи фарҳангу адаби Ҳиндустон хизматҳои босазоеро анҷом додааст. А. нияти дошт дар Ҳиндустон эътиқоди умумиеро бо номи «Дини Илоҳӣ» ҷорӣ намояд, ҳарчанд ин дин дар аввалҳо бо унвони «Оини Акбарӣ» маъруф гардид, вале баъди вафоти А. он фақат ба мазҳабе табдил ёфту халос. А. расму русумоти нахушоянду бад ва манфурро чун «сотӣ» (зинда сӯзондани зан пас аз марги шавҳар), издивоҷи хурдсолон, ғуломдорӣ ва амсоли инҳоро дар саросари кишвар манъ кард. Тибқи маълумоти маъхазҳо А. ба илму адаб низ дилбастагӣ доштааст. *А. Мухторов, Л. Бойматов.*

АКБА́Р Акобирхоҷаи Бухоронӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 19). Дар зодгоҳаш таҳсил карда, ба камол расидааст. Пас аз хатми мадраса ба тадрис шуғл меварзад. Ба гуфтаи тазкиранигор Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ («Тӯҳфат-ул-аҳбоб…») «табъаш дар назми ашъор иқтидори тамом дорад». Аз осораш намунаҳои ғазалиёт, рубоиҳо, қитъаҳо ба тавассути тазкираҳову баёзҳо боқӣ мондаанд. С. *Айнӣ* дар «Намунаи адабиёти тоҷик» як ғазал ва як рубоии бенуқтаро аз А. ҷой додааст. Намунаҳо аз ашъори А.:

Боз омад ба чаман сарви хиромони дигар,
Ки шукуфт аз қадамаш тоза гулистони дигар…
Хуб андеша кун, Акбар, намаки лаъли лабаш,
Марав аз роҳи вафо дар талаби хони дигар.

***

Магарам дил ҳаваси лолаи ҳумро дорад,
Ки сарам васвасаи олами воло дорад.
Домгоҳи ҳавасам, дуди дилам, оҳи саҳар,
Масдари дарди сарам васли мудово дорад.

АКБАРЗО́Д Мубашшир (тав. 25. 7. 1969, деҳаи Кулолии ноҳ. Панҷакент), адабиётшиноси тоҷик. Хатмкардаи фак-ти филологияи УДТ (1992). Ходими илмии Ин-ти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ (1992 – 94; 1999 – 2002), муаллими мактаби миёна (1994 – 99), муаллими ДДМТ (2000 – 05). Аз с. 2005 муҳаррири шӯъба ва баъдан мудири шӯъбаи адабиёти классикии нашриёти «Адиб». А. донандаи хуби кори матншиносист. Дар ин бобат мақолаҳояш ба табъ расидаанд (маҷм. «Сухан з-осмонҳо фуруд омадааст», 2003). Дар таҳияи матни комили «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ иштирок кардааст. Девонҳои Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ, Назирии Нишопурӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айниро (нашр 2010), ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ таҳия кардааст. А. – дорандаи ҷоизаи олимони ҷавони АИ ҶТ (2003), Аълочии фарҳанги ҶТ (2010). Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2007.

АКБАРЗОДА́ Юсуф (Акбаров Юсуф; тав. 1. 5. 1938, деҳаи Мазори Шарифи ноҳ. Панҷакент), адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик. Хатмкардаи фак-ти таъриху филологияи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1961). Солҳои 1961 – 62 лаборанти ИЗА ба номи Рӯдакии АИ РСС Тоҷ., 1963 – 64 хидмат дар Армияи Советӣ, 1964 – 66 лаборанти калони ИЗА, 1966 – 68 коромӯз-муҳаққиқи Ин-ти адабиёти ҷаҳони ба номи А. М. Горкийи АИ СССР, 1968 – 76 ходими хурди илмии ИЗА, 1976 –79 тарҷумон дар з-ди нуриҳои азотии ш. Мазори Шарифи Афғонистон, 1979 – 91 ходими калони илмии ИЗА, 1991 – 2004 ходими пешбари Кумитаи истилоҳоти назди АИ ҶТ, ҳамзамон с-ҳои 1999 – 2004 ноиби раиси Донишкадаи озоди Исмоили Сомонӣ. Аз с. 2004 раиси ҳамин донишкада ва раиси Бунёди Оли Сомон. Мақолаҳои нахустини А. с. 1959 чоп шуданд. Аз ҳамин сана ба ин тараф ӯ муттасил мақолаву рисолаҳо, монографияҳо ба табъ расонидааст (15 китоб, беш аз 500 мақолаи илмию адабӣ ва публитсистӣ). Соли 1973 дар мавзӯи «Достони лирикӣ дар назми имрӯзаи советӣ» кори илмие анҷом дода, дар он бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик хусусиятҳои умдаю заминаҳои пайдоиш, зинаҳои такомул ва умумиятҳову тафовути достони лирикии адабиёти тоҷикро бо ҳамин навъ достонҳои адабиёти ҷаҳон таҳқиқ кардааст. Ҷавҳари тадқиқоти А.-ро баррасии фароху амиқи дастовардҳои шоирони тоҷик, аз ҷумла Ғ. Мирзо, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Лоиқ, Б. Собир, Қ. Киром, У. Рачаб, М. Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон дар роҳи худшиносии миллӣ, дарки таърих, арҷгузорӣ ба фарҳанг, рӯҳи озодихоҳии халқ ташкил додааст. А. яке аз муаллифони китоби 6-ҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» (бахшҳои «Назми солҳои 1955 – 1980» ва «Достони лирикӣ») мебошад. А. яке аз муҳаққиқони адабиёти бачагона буда, аз с. 1965 ба ин тараф (2011) якчанд мақолаи арзишманд таълиф намудааст (мас., «Китоби кӯдакон чӣ гуна бояд бошад?», маҷ. «Садои Шарқ», 2010, № 4).



А. инчунин доир ба забони тоҷикӣ ва мақоми давлатӣ гирифтани он мақолаҳо (маҷм. «Соҳиби ин забон кист?», 2009), тақризҳо навиштааст. Яке аз мураттибони «Маҷмӯаи осор»-и Мунзим, «Куллиёт»-и А. Деҳотӣ ва ғ. мебошад. Ба тарҷумаи илмиву бадеӣ, таҳрири китобу рисолаҳо оид ба иқтисодиёт, ҳуқуқ ва

ғ. машғул аст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1975.

Ос.: Анъана ва навоварӣ (ҳамроҳи М. Шукуров), Д., 1976; Қисмати инсон ва қисмати шеър, Д., 1980; Шеъри эҳсос ва тафаккур. Д., 1985; Меҳри Ватан, Д., 1989; Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ, Д., 1990; Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи имрӯз, Д., 2004. *Ҷ. Бақозода.*

АКБАРОВ Акрам (тав. 1948, ш. Ӯротеппа), меъмори тоҷик, номзади илми меъморӣ (1983), дотсент



(1984), узви вобастаи Академияи муҳандисии Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи шӯъбаи меъмории фак-ти бинокории Инти политехникии Тоҷикистон (1971). Ассистент (1971 – 72) ва муаллими калони (1972 – 85) кафедраи Меъморӣ, дотсенти кафедраи Лоиҳакшии меъморӣ ва графикӣ (1985 – 91), мудири кафедраи Асосҳои лоиҳакашии меъморӣ ва графикии (1991 – 97) ДТТ. Солҳои 1997 – 99 ҳамчун сармеъмори Дафтари хадамоти СММ барои иҷрои «Лоиҳаи барқароркунӣ, таҷдид ва рушди Тоҷикистон» дар ноҳ-ҳои Ғарм, Нуробод, Тоҷикобод, Тавилдара, Ҷиргатол лоиҳаи барқарорсозӣ ва таҷдиди зиёда аз 150 объект (мактабҳо, беморхонаҳо, роҳҳо, кӯпрукҳо, нерӯгоҳҳои баркӣ ва ғ.)-ро таҳия намудааст. Солҳои 2000 – 03 ҷонишини сардор (сармуҳандис – меъмори калони Минтақаи гурӯҳи машваратии тарроҳон)-и Бонки Рушди Исломӣ оид ба «Лоиҳаи таҷдид ва бозсозии мактабҳои миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд. Бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи ӯ дар ноҳ-ҳои Ҳисор, Бохтар, Файзобод, Данғара (2-то), Рӯдакӣ ва Темурмалик 7 мактаби тмиёнаи таҳсилоти умумии замонавӣ бо тамоми таҷҳизоту лавозимоти техникӣ сохта ба истифода дода шуданд. Солҳои 2003 –10 директори Маркази такмили ихтисос ва хизматрасониҳои консалтингии (мушовиратӣ) ДТТ ва ҳамзамон с-ҳои 2005 – 06 роҳбари Департаменти меъморӣ ва шаҳрсозии Комитети давлатии сохтмон ва меъмории ҶТ. Аз июли 2010 мудири кафедраи Меъморӣ ва дизайни ДТТ. Соли 1982 дар Донишгоҳи меъмории ш. Москва дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташкили тарҳрезию меъмории маҷмаҳои аграрию саноатии шаҳракҳо дар минтақаҳои кӯҳистон» (дар мисоли Тоҷикистон) дифоъ намудааст. Муаллифи зиёда аз 150 асару мақолаҳои илмӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ, тарроҳӣ ва иморатсозии маҳаллаҳои аҳолинишини деҳот, инчунин беш аз 60 лоиҳаи таҷдиду барқарорсозии объекҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, иҷтимоӣ ва муҳандисии инфрасохтори ҶТ. Дар конференсияю симпозиумҳои байналмилалӣ (Бишкеки Қирғизистон, 2002; Нанҷинги ҶХХ, 2008; Женева, 2009; Австрия, 2009; Германия, 2010; Қазоқистон, 2010; Россия, 2010) иштирок намуда, оид ба масъалаҳои инкишофи шаҳрсозӣ ва бунёди деҳот, инчунин доир ба такмилдиҳии объектҳои манзилию маъмурии минтақаҳои кӯҳистон маърӯзаҳо кардааст. Аълочии маорифи Тоҷикистон (1992). «Меъмори сол» (2010). Узви Комитети манзил, экология ва захираҳои замини Комиссияи иқтисодии европавии СММ (аз с. 2009), узви таҳририяи маҷ. «Архитектура, строительство и дизайн» (аз с. 2010). Дорандаи медали тиллои ИМ Тоҷикистон. Узви ИМ СССР (1978) ва ИМ Тоҷикистон (1991).

Ос. Формирование поселков АПК в условиях горного региона, Д, 1988; Лоиҳаи биноҳои истиқоматии пастошёна барои иморатсозии ихчами деҳоту шаҳрҳои Тоҷикистон, Д., 1994; Градостоительные проблемы горных районов, дар кит. Национальная стратегия и план действий по устойчивому развитию горных территорий, Д., 2002; Особенности планировки и застройки сельского поселка а условиях Таджикистана, Д., 2005. *Н. Шарипов.*

АКБА́РОВ Раҳмат (тав. 4. 1. 1939, деҳаи Боғи Ҳабиби ноҳ. Кӯлоб), математик, доктори илмҳои физика ва математика (2009), проф. (1998), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи педагогии ш. Кӯлоб (1957) ва Ин-ти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (1962). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1962 – 65). Муаллим, муаллими калон, дотсент (1965 – 82), мудири кафедра (1982 – 98), декани фак-ти математика (1998 – 2004) ва аз с. 2004 мудири кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. А. оид ба назарияи масъалаҳои канории функсияҳои аналитикӣ ва умумишудаи аналитикӣ бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагии шакли моментҳо тадқиқот анҷом додааст. Муаллифи беш аз 80 мақолаҳои илмию оммавӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ. Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

Ос.: Математикаи олӣ, ҷ-ҳои 1 – 3, Д., 1999, 2000, 2004; Краевые задачи теории аналитических функций и соответствующие им особые интегральные уравнения с заданными главными частями, Д., 2006.

АКВАМАРИ́Н (лот. aqua marina – оби баҳр), навъе аз гурӯҳи минералҳои *беррилл*, бериллосиликати алюминий. Бори аввал Беотиус де Боот с. 1609 бинобар ба ранги



Аквамарин.

оби баҳр монанд буданаш номгузорӣ кардааст. Кристаллҳои А. шаффофи осмонранг ё сабзранганд. Баъди то 400°С тафсон-дани он рангаш баландтар мешавад. Минерали хеле мӯрт мебошад. Формулаи химиявиаш $Be_3Al_2Si_6O_{18}$. Сингонияаш гексагоналӣ. Ҷилояш шишагун буда, шаффофу ношаффоф мешавад. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 7,5 – 8. Зичиаш 2670 – 2710кг/м^3, нишондиҳандаи шикасташ 1,577 – 1,583. А. санги қиматбаҳои дараҷаи 2-юм буда, дар заргарӣ истифода мешавад. Калонтарин кристалли сифаташ барои заргарӣ мувофиқ с. 1910 дар Бразилия ёфта шудааст (вазнаш 110,5 кг, бараш 42 см). Дар заргарӣ асосан А.-и вазнаш аз 10 карат (қирот) калонро истифода мебаранд. Бо А. тоҷи шоҳонро зеб медоданд ва онро ба сифати линзаи айнак истифода мебурданд (линзаи нахустин с. 1300 сохта шудааст). Конҳои калонтарини пегматитӣ ва грейзении баландсифат дар Россия, Бразилия, ШМА, Ҳиндустон ва ҷаз. Мадагаскар мавҷуданд.

АКВАРЕ́Л (франс. agurello, аз agua – об), рангест, ки дар об ҳал мешавад. Инчунин мусавварае, ки ба воситаи ин ранг меофаранд. Расмкашӣ бо А.-и ғализ (бо омехтаи ранги сафед) ҳанӯз дар Мисри Қадим, дунёи атиқа ва Европаю Осиёи асрҳои миёна маъмул буд. Ба истифодаи А.-и мусаффо бе омехтаи ранги сафед, ки сифати асосии он шаффофии рангҳо буд, дар авв. а. 15 шурӯъ карданд. Дар а-ҳои 16 – 17 А.-ро барои кандакорию наққошӣ ва ангораю суратҳои рӯидеворӣ истифода мекарданд. Аз нимаи дуюми а. 18 А.-ро барои наққошии манзара ба кор бурданд. Дар ин давра дар Англия як зумра рассомон – акварелистҳои касбӣ ба майдон омаданд (А. ва Ҷ. Р. Козенс, Т. Гёртин ва дигарон). Дар а. 18 А. инчунин ба Франсия (О. Фрагонар, Ю. Робер) ва Россия (Ф. А. Алексеев, М. М. Иванов) роҳ ёфт. Дар а. 19 рассомони машҳури мамлакатҳои гуногун – Э. Делакруа, О. Доме, П. Гаварни, А. Менсел, И. Е. Репин, В.

И. Суриков, М. А. Врубел ба А. рӯй оварданд. Дар ох. а. 19 ва а. 20 А.-ро бештар дар омехтагӣ бо ранги сафед, *гуаш,* ранги нуқрагӣ ва ғ. истифода мебурданд. Дар санъати рассомии тоҷик мусаввараҳои акварелӣ дар эҷодиёти Г. Кузмин, В. Боборикин, А. Ашӯров, Р. Хошмуҳаммедов ва дигарон мавқеи намоён доранд.

АКВА́РИУМ (лот. aguarium – ҳавз), 1) зарфи шишагин барои нигоҳ дош тану зиёд намудани ҳайвоноту набототи обӣ. А.-ҳо шишагини гирд ва чандкунҷа мешаванд. Баъзе навъҳои А. ороишӣ буда, онро ба девор меовезанд. Ҳаҷми А. бояд ба навъ ва миқдори моҳӣ мувофиқат кунад. Дар А.-ҳои калон оксигенро ба воситаи компрессорҳои махсус, дар А.-ҳои хурд бошад, бо моторча мефиристанд. Бо мақсади сероксиген шудани оби А. дар он растаниҳои гуногуни обиро мепарваранд (растаниҳо зери таъсири рӯшноӣ гази карбонатро фурӯ бурда, гази оксигенро хориҷ мекунанд). Дар мавриди дуруст будани таносуби моҳичаҳо ва растанӣ «мувозанати биологӣ» ба вуҷуд омада, барои иваз ё бо оксиген таъмин намудани об зарурат наемонад (фақат сари ҳар чанд вақт шишаи А.-ро тоза карда, каме об рехтан кофист). А.-ро бо лампа равшан ва гарм мекунанд. Онро аз боло дар қисми пеш ё ду тарафи А. мегузоранд. Ба растаниҳое, ки дар А. мешинонанд, риччия, салвинил, карам ва сунбули обӣ (дар рӯи об меистанд), фонтиналис, сарахси обӣ, наскобӣ (элодея), марсилия, амбулия, монетиниса (дар қабати об меистанд), гигрофила, валлиснерия, эхинодорус, апоногетон (дар реги зери А. реша меронанд) ва ғ. мансубанд. Растаниҳои худрӯи ботлокро қабл аз ҷой доданашон дар А. шустан лозим аст. Ба зери А. як қабат шағал, сипас аз болояш рег рехтан беҳтар мебошад. Моҳиҳои аквариумӣ хеле гуногунанд: макропода, лялиус,



Аквариуми хонагӣ.

неон, грасилис, орнатус, серпас, карас, лин, ратан, зармоҳӣ, телескоп, комета ва ғ. Дар А. ба ҳар моҳичаи дарозиаш 3 – 4 см 2 л об лозим аст. Ба моҳичаҳо ғизои хушк (кирминаи хушки хомӯшак, кайки обӣ, гамарус), ҳалқакирм, кайки обӣ (бо кирминаш), сиклоп, инфузория, кирминаи хомӯшак ва ғ. медиҳанд. Ба моҳиҳои калон рӯзе 1 – 2 бор ва ба моҳичаҳо зуд-зуд ғизо бояд дод. Дар А.-е, ки ҳаво намерасад ё обаш ифлос буда, аз ҳад зиёд гарм ё хунук аст, моҳичаҳо касал ва нобуд мешаванд. 2) Муассисаи махсусест, ки дар он ба мақсади омӯзиш ва намоиш додан ҳайвоноту набототи баҳру дарёҳоро нигоҳ медоранд.

АКВАРИ́ҲО, селҳои метеор (шиҳоб), ки радианти он дар бурҷи *Далв* воқеъ аст. Муҳимтаринашон η-Аквариҳо (бо кометаи Галлей алоқаманд аст) ва δ-Аквариҳо мебошанд. Селҳои η ва δ-Аквариҳо ҳар сол мувофиқан ох. апр. ва авв. май ва ох. июлу авг. меборанд.Ниг. низ *Сели метеор.*

АКВЕДУ́К (лот. *aqua* – об ва *ducere* – гузарондан), иншооти гидротехникӣ, новаи обгузар барои интиқоли об ба мавзеъҳои аҳолинишин, иншоотҳои обёрӣ ва гидроэнергетикӣ аз манбаъҳои дар баландӣ қарордошта. А. аксар ба маънои пул (кӯпрук) аз болои дарё, роҳ ё ҷарӣ истифода мешавад. Сохтори А. ба *виадук* монанд буда, он аз санг, хишт, оҳану бетон, пӯлод ва чӯбу тахта сохта мешавад. А. рӯизаминӣ ва зеризаминӣ мешавад.

А.-ро дар даврaҳои қадим дар Шарқи Наздик (Бобулистон, Миср) ихтироъ кардаанд. Яке аз А.-ҳои машҳури Юнони Қадим дар ҷаз. Самос сохта шуда буд, ки таърихнигор Геродот онро ба рӯйхати аҷоиботи олам дохил кардааст. Дар Рим А.-ҳо дар а. 7 то м. сохта шуда, об ба воситаи 11 А. дода мешуд, ки дарозии онҳо 350 км-ро ташкил мекард. Танҳо 47 км-и он аз болои замин буда, боқимонда аз таги замин мегузашт. Ба воситаи А.-и дарозтарини римӣ (141 км) ба ш. Карфаген дар а. 2 об дода мешуд. Дар Европаи асримиёнагӣ то а. 19 таҷрибаи бойи сохтмони А. фаромӯш шуда, обро ба шаҳрҳо ба тавассути каналҳо мерасонданд. Дар а. 19 Англия яке аз давлатҳои пешқадам оид ба сохтмони А.-ҳо шуда, ш-ҳои бузурги Бирмингем, Манчестер ва Ливерпулро ба воситаи А. бо об таъмин мекард. А.-ҳои калонтарин дар ШМА сохта шуда буданд. Ба ш. Нию Йорк аз масофаи 190 км, ба ш. Лос Анҷелес аз масофаи 400 км ба воситаи А. об оварда



Акведук.

мешуд. Дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз қадимулайём А.-и зеризаминиро, ки бо номи *корез* машҳур аст (Панҷакент), истифода мебурданд. Дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон (Помири Ғарбӣ, Дарвоз, Қаротегин) А.-ҳои рӯизаминӣ барои гузарондани об истифода мешуданд.

М. Холов.

АКВОНДЕ́В, Аквони дев, яке аз офариниши бад, девест, ки дар қиссаву ривоятҳои мардуми эронинажод ба назар мерасад ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ амал менамояд. А. дар «Шоҳнома» махлуқи зиштсурату бадниҳод, сеҳрангезу ҳавлнокест. Аз кирдори бади ӯ (вай ба шакли гӯрхар даромада аспони галаро азоб медод) галабонон ба шоҳ *Кайхусрав* хабар доданд. Кайхусрав барои маҳв кардани А. Рустамро фаро хонд. Рустам ҳарчанд кӯшид, А.-ро дастгир карда ва кушта натавонист. Хаставу бемадор дар сарчашмае ба хоб рафт. А. ба сари Рустам омад ва ӯро бо он порчаи замине, ки дар рӯяш хуфта буд, ба ҳаво бардошт. Аз Рус-там пурсид, ки ӯро ба дарё андозад ё ба кӯҳ? Рустам баръакс будани кори девонро медонист, аз ин рӯ, хост, ки вайро ба кӯҳ афканад. А. Рустамро ба дарё партофт ва ӯ аз он ҷо ба саломат берун омад. Бори дуюм Рустам А.-ро дар сарчашма дарёфт ва сарашро бурид. Мақсади Абулқосими Фирдавсӣ дар қиссаи А. мубориза бо нерӯҳои бад, мардуми зишту офаридаҳои аҳриманхислат мебошад:

Ту мар девро мардуми бад шинос,
Касе, к-ӯ надорад зи Яздон сипос.
Ҳар он к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш одамӣ.

Ад.: Абулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ҷ. 4, Д., 2008; Ёҳақӣ Муҳаммадчаъфар, Фарҳанги асотир, Т., 1375 ҳ. ш. *М. Диловаров.*

АКИ́МОВ Николай Павлович (16. 4. 1901, ш. Петроград – 6. 9. 1968, ш. Ленинград), коргардон, рассом, Артисти халқии Тоҷикистон (1944), Артисти халқии СССР (1960), проф. (1960). Дар устохонаи нави бадеии Петроград хонда, с-ҳои 1918 – 20 дар

устохонаи плакатбарории Пролеткулт кор кардааст. Солҳои 1920 – 32 рассоми театрҳои Ленинград, Харков ва Москва, 1932 – 35 коргардони Театри ба номи Вахтангов, 1935 – 47 (бо танаффус) роҳбари бадеии Театри мазҳакаи ш. Ленинград (ҳоз. Санкт-Петербург) буд. Дар даврai ҶБВ (1941 – 45) бо ҳайати театр дар пойтахти Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Солҳои 1947 – 55 саркоргардони Театри ба номи Ленсовети Ленинград, аз 1955 то поёни умр роҳбари бадеии Театри мазҳакаи ш. Ленинград буд. Бештар асарҳои классикон У. Шекспир, Лопе де Вега, Ҷ. Байрон, А. Чехов, М. Салтиков-Шедринро ба саҳна гузошта, дар ороиши намоишномаҳо чун рассом иштирок намудааст ва симои бисёр арбоби барҷастаи санъатро офаридааст.

Ос.: О театре, М., 1962; Театральное наследие, т. 1, 2, Л., 1978.

Ад.: Этнинд М., Н. Акимов, М., 1980

АКИНА́К, шамшери кӯтоҳи (40 – 60 см) дудамаи рости скифҳо, форсҳо ва суғдиёну бохтариҳо барои ҷанги тан ба тан, ки дар а-ҳои 2 – 1 то м. маъмул буд. А. дудамаи нӯгтез буда, чун силоҳи шикофанда ба кор мерафт. Он аз даста, гулӯбанд ва тег иборат буд. Аксари А.-ҳои ҳангоми ҳафриёт пайдошуда гулӯбанди дилшакл ё ҳилолмонанд доштанд.



Ғилофи Акинак бо тасвири шер ва оҳу. Оҷ (устухони фил) (аз Шаҳристони Тахти Сангин, а-ҳои IV – V то милод).

Акинак (аз «Тегермонсу, Помири Шарқӣ», а-ҳои V – VI то милод).

АККА́ (Pica pica), алошақшақа, парандаест маъмул. Дарозии баданаш 45 – 48 см, вазнаш 160 – 260 г; думаш дароз, болу параш сиёҳ, шикам ва паҳлуҳояш сафеди ҷилодор. Нӯлаш рост ва сахт. Дар Тоҷикистон 2 намуди А. (P.p. hemileucoptera ва P. p. bactriana) зиндагӣ мекунад. Ҷойи сукунаташ ҷангал, чакалаку дарахтзори нишебиҳои кӯҳ, паттазорҳои дарёбод ва боғу чорбоғхост. Моҳҳои март – май аз 5 то 8 тухми сабзча гузошта, дар 18 – 19 рӯз чӯча мебарорад. Тухмҳоро модинааш мехобонад.



Акка.

А.-и нарина дар атрофи лона парвоз карда, ҷуфти худро аз хатар огоҳ мекунад. Рӯзҳои аввали баъди аз тухм баромадани чӯчаҳо, ғизои А.-и модина ва чӯчаҳоро А.-и нарина меоварад. Ғизои чӯчаҳои А. ҳашарот, ҷонварони мӯҳрадори хурд, тухми растанӣ ва лоша мебошанд. Чӯчаҳо баъди 22 – 27 рӯзи аз тухм баромадан парончак мешаванд. Тирамоҳ А.-ҳо села-села шуда дар гирду атрофи маҳалҳои аҳолинишин зимистон мегузаронанд. А. ҳашароти зараррасонро нест карда, ба кишоварзӣ фоида меорад. *И. А. Абдусаломов.*

АККА́Д, Аккаде, Агаде, шаҳри қадим дар Байнаннаҳрайни Поён. Дар а-ҳои 22 – 24 то м. маркази давлати ҳамном буд, ки тамоми Элом ва Байнаннаҳрайнро дар бар мегирифт. Бунёдгузори шаҳр ва муассиси давлат – Саргони Қадим (ба забони аккадӣ Шарумкен) – саромади сулолаи Саргонҳо (ҳукмр. 2316 – 61) буд. Саргонҳо дар сиёсати берунии давлатдорӣ фаъол буданд: ба Осиёи Хурд, Элом, Эбла, Сурия юришҳо анҷом додаанд. Шумерро ҳам фатҳ карда буданд ва ба ин нисбат шоҳони Бобул худро ҳокими Шумер ва А. медонистанд. Дар ҳамин давра дар А. кишоварзӣ, савдо, хоҷагии давлатӣ ва артиш хеле тараққӣ кард. Дар миёнаи а. 22 то м. ба А. кӯҳистониён (кутиҳо) ҳамла карда онро фатҳ намуданд. Забони аккадӣ аз гурӯҳи забонҳои семитист. *Б. Раҳматов.*

АККЛИМАТИЗА́ТСИЯ, мӯътод, ба шароити нави ғайриодатии иқлим мувофиқ гардидани наботот, ҳайвонот ва инсон. А.-и одам яке аз шаклҳои мутобиқат буда, боиси тағйироти ҷараёни мубодила ва дигаргуниҳои вазифавии организм мегардад. Қобилияти А. шудан дар ҷараёни инкишофи ҳаёт дар рӯи Замин ба вуҷуд омада, бо минтақаҳои гуногуни иқлимӣ ва тағйироти даврии иқлим зич вобаста аст. А.-ро омилҳои муҳити табиӣ ба вуҷуд меоваранд, ки аз шароити маҳали пештара хеле фарқ мекунанд, мас., ҳарор. баланд ва паст, сернамӣ, хушкӣ, афканишоти ултрабунафши кам ё барзиёд, фишори атмосферии паст ё баланд ва ғ. Айёми ба шароити нави иқлимию географӣ одат кардани инсон, ғайр аз равандҳои биологӣ, ҳамчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ (шароити меҳнат ва маишат, сифати хӯрок, либос, истиқоматгоҳ ва ғ.) аҳамияти калон доранд. Одамони солим А.-ро нисбатан осон мегузаронанд. А. ва мутобиқат дар шароити душвори табиӣ, мас., дар Шимоли Акҷо, Антарктида, ки мумкин аст баъзе носозгориҳои фаъолиятиро ба вуҷуд ованд, бошиддат мегузарад. Ҳангоми кор дар ҳавои кушод мубодилаи моддаҳо меафзояд. Дар вақти хунукии сахт ва шамол мумкин аст фишори хун паст шуда, нафаскашӣ душвор гардад, яъне ба истилоҳ нафастангии қутбӣ ба вуҷуд ояд. Дар давраи одат кардан ба иқлими гарм имкон дорад, ки иштиҳо гум, фаъолияти рӯдаҳо носоз, хоб нохуш ва дарачаи муқобилати организм ба бемориҳои сироятӣ паст шавад. Баробари афзудани намии ҳаво механизмҳои мутобиқат ҳам бошиддат кор мекунанд. Дар иқлими экватории бешаҳои сернами тропикӣ А. барои инсон мушкилтар аст. Аз ҳад зиёд тафсидани тан боиси гармозанӣ ва лоғарӣ мешавад. Бо мурури вақт одам ба ҳарорат ва намӣ тобовар шуда, мубодилаи моддаҳо ва дигар фаъолиятҳои организм мӯътадил мегарданд. Дар шароити баландкӯҳҳо манзили нав ҳар қадар аз сатҳи баҳр баланд ҷойгир бошад, А. ҳамон қадар душвор мегузарад. Дар рафти А. фаъолияти организм тадричан устувор гашта, ба меъёри сокинони доимии кӯҳистон мерасад, вале суръати кашишхӯрии дил гардиши хун қадре суст, дарачаи мубодилаи моддаҳои асосӣ паст мешавад. Баҳри безарар гаштани А. вазъи саломатии одам пешакӣ муайян ва номгӯи бемориҳое, ки барои дар ин ё он шароити иқлим зистан имкон намедиҳанд, муқаррар карда мешавад. Ҳамчунин сохтмони маҳалҳои аҳолинишин ва манзил бо назардошти хусусиятҳои иқлим, таъмини аҳолӣ бо либоси мувофиқ, ташкили дурусти тағзия ва низоми обнӯшӣ, пешгирӣ намудани оқибатҳои норасоӣ ё барзиёдии радиатсияи ултрабунафш, риояи низоми мутобиқи меҳнат, маишат ва истироҳат аҳамияти калон дорад.

А.-и растанӣ ба муҳимтарин масъалаҳои хоҷагии халқ тааллуқ дорад. Хелҳои гуногуни зироат торафт меафзоянд. Аксар растаниҳои

мазрӯъ, мас., хелҳои зиёди гандум, наск, нахӯд, кӯчати себ, олуча ва олуболу, лӯбиё, чуворимакка, навъҳои мазрӯи каду, пахтаи дарознах, картошка, помидор, тамоку, дарахти ҳино, растаниҳои ситрусӣ, шолӣ, найшакар, бодиринг ва бодинҷон аз Закавказия, Америка, Хитой, Индонезия, Ҳиндустон ба Европа ва дигар ҷойҳо бурда шудаанд. Дар баробари ин, бисёр растаниҳои мазрӯи Европа (гандум, сулӣ, чойчуворӣ, лаблабу, юнучқа, навъҳои ангур ва ғ.)-ро ба Америка бурдаанд. Ҳангоми А. ҳарор. ва намии ҳаво, миқдори боришот дар давоми сол, чигунагии барфу ях, ҳаракати ҳаво, рӯшноӣ аҳамияти бағоят калон дорад. Барои А. хок ва микроорганизмҳои сокини он, ҳамчунин таркиби биосенози наботот низ муҳим мебошад. Ҳангоми А.-и растанӣ хусусиятҳои биологии растаниро ба назар бояд гирифт. Бо мақсади А. чунин усулҳои агротехникиро ба кор бурдан мумкин аст: чеканка, пайванд, кандани нӯги навдаҳои растанӣ, обмонӣ, андохтани нуриҳои минералӣ ва ғ. Боғи ботаникии Помир ва пойгоҳҳои таҷрибавии дигар минтақаҳои кӯҳсор ба А.-и растаниҳои мазрӯъ дар шароити баландкӯҳҳо мусоидат мекунанд. Оид ба А.-и растанӣ дар биёбонҳо низ кор мебаранд.

Дар А.-и чорво ғайр аз омилҳои табиӣ, омилҳои хоҷагӣ (таркиби химиявии хӯроки чорво, дараҷаи хӯрокдиҳӣ, парвариш, нигоҳубин, пешгирии касалӣ, корҳои зотпарварӣ ва ғ.) низ мавқеи калон доранд. Агар байни шароити муҳити пештара ва нав фарқият зиёд бошад, ҷараёни А. хеле пуршиддат ва аксар вақт бемуваффақият анҷом меёбад. Барои А.-и оқилонаи чорво на фақат шароити обу ҳавои ҷойи нав-ро ба назар гирифтан даркор аст, балки ҳайвони овардаро бо хӯроки мувофиқу сергизо, бошишгоҳ ва шароити хуби нигоҳдорӣ низ таъмин намудан лозим мебошад. Агар зотҳои ба ҷойи нав оварда бад А. шаванд, онҳоро бо зотҳои маҳаллӣ ҷуфтӣ мекунанд. Қабл аз ин, зоти маҳаллӣ ҳаматарафа (аз ҷиҳати солимӣ, шаклу сохт, сермаҳсулӣ ва хушзотӣ) санҷида мешавад. Барои пешгирӣ намудани аломатҳои инқирози насл ҳайвони ба шароити нав мутобиқшударо бо ҳайвони аллакай мутобиқгаштаи ҷинси худи ҳамон зот ҷуфтӣ мекунанд. Дар ин сурат ҷуфтикунии байнизотиро низ ба кор мебаранд. Беҳтарин усули бартараф намудани мушкилиҳои А. дурага кардани ҳайвон мебошад. Наслҳои минбаъда имконияти зиёди мутобиқатро доранд, чунки ҷараёни А.-и онҳо дар давраҳои нави инкишоф – қобили таъсирпазирӣ будани организм сар мешавад.

Ад.: Акклиматизация животных в СССР, Алма-Ата, 1963; Абдусалямов И. А. (ва диг.), Редкие и исчезающие животные Таджикистана, Д., 1976; Бексеев Ш. Г., Овощные культуры мира. Энциклопедия огородничества, М., 1998; Большой энциклопедический словарь, М., 1998.

АККОЛА́ДА (франс. accolade – бо хати қавсӣ пайваст кардан), дар нотанависӣ бо хати рости амудӣ ва қавс пайваст намудани ду ва зиёда нотагоҳҳо (асарҳо барои фортепиано, арғунун, арфа). Дар партитураҳои хорӣ ва оркестрӣ дар шакли ду хати рости амудӣ тасвир мешавад:

Ш. Ҳабибов.

АККОЛБОЗӢ, чиллакбозӣ, яке аз бозиҳои қадимии бачагони тоҷик. А. навъҳои бисёр дорад, ки махсуси баҳор, тобистон ва авв. тирамоҳ аст. Асбоби ин бозӣ аккол (чиллак) – чӯби тарошидаи (15 см) ду нӯгаш тез ва акколдаста (чиллакдаста) – чӯби дарозтари (70 – 80 см) тарошида мебошанд. Ҳангоми А. бозигарон (миқдорашон маҳдуд нест) ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ҳар гурӯҳ ба худ сардор интихоб мекунад. Барои бозиро сар кардан пиллачӯй (маррачӯй) мекашанд ва дар он ҷо акколдастаро мегузоранд. Оғози бозӣ чанд хел аст. Мас., яке акколро боло партофта, бо акколдаста мезанад, ё ки яке мепартояд ва дигаре мезанад. Баъд масофаи аккол тайкардаро бо акколдаста чен мекунанд. Пеш аз чен кардани масофа ҳар гурӯҳ як нӯги акколдастаро тарафи худ қарор медиҳад. Яке аз сардорҳо «тарафи ман», «тарафи ту» гӯён масофаро чен мекунад. Кадом нӯги акколдас та ба аккол расад, гурӯҳи «соҳиби» ҳамон нӯг бозиро сар мекунад. Агар гурӯҳи дуюм акколро бо доман дошта гирад ё аккол ба замин рост истад ё бозигар хато кунад, бозӣ насиби ӯ мегардад. Баъди аз майдон зада баровардани аккол, бачагони гурӯҳи дуюм кӯшиш мекунанд, ки акколро ба акколдастаи дар пиллачӯй буда расонанд, ё ки бо як дам «зув … в» гӯён ба пиллачӯй биёранд.

Н.Турсунов.

АККОМОДА́ТСИЯ, ниг. *Татобуқ.*

АККОМПАНЕМЕ́НТ (франс. accompagnement – ҳамовозӣ), қисми таркибии мусиқӣ, ки барои ҳамовозӣ ва пурмазмунтшавии мусиқии овозӣ ва созӣ хизмат мекунад. Дар ҳунари сарояндагӣ бештар А. ба тавассути созҳои мукаммал (арғунун, роял), инчунин ансамбл ва оркестр ифода мегардад. Мусиқии созӣ низ дар радифи оҳанги иҷрошаванда садоҳои ҳамовозшавандаро дар бар мегирад. Иҷрокунандаи А.-ро аккомпаниатор (навозанда) меноманд.

Ш. Ҳабибов.

АККО́РД (аз итал. accordo, франс. accord – ҳамоҳангӣ), дар баландиҳои гуногун баробар садо додани якчанд овоз (на камтар аз 3 садо), ки сомеа онро чун овози воҳид қабул мекунад. Одатан, чунин ҳамовозиро А. меноманд, ки овозҳои он дар *терсия* ҷойгир шудаанд. Садоҳои А. аслан мувофиқи терсияҳо аз сарпарда ба боло ҷойгир шуда, ҳар кадом ном доранд. Шаклҳои асосии А. сеовоза (3 овоз), септаккорд (4 овоз), нонаккорд (5 овоз) ва ундетсимаккорд (6 овоз) мебошанд. Овози пасти А -ро лаҳни асосӣ ё нахуст (прима) мегӯянд. Овозҳои дигарро (аз рӯйи терсия ба боло) лаҳни терсиявӣ (терсия), лаҳни квинтӣ (квинта), лаҳни септимӣ (септима), лаҳни ундетсимӣ (ундетсимо) меноманд. А. унсури асосии *гармония* аст.

Ш. Ҳабибов.

АККОРДЕО́Н (фран. accordeon), 1) сози мусиқии забончадор, ки ба воситаи фишори ҳаво садо мебарорад. А. асосан аз 3 қисм иборат аст: а) клавиатураи тарафи чап, ки овозҳои аккордии тайёр доранд; б) клавиатураи тарафи рост, ки аз забонпардаҳо ва тугмаҳои регистр иборат аст; в) дамгоҳ, ки аз чарми табиӣ ё сунъӣ тайёр карда шуда, ду қисми авваларо бо ҳам мепайвандад ва онҳоро бо ҳаво таъмин мекунад. А. аз с. 1829 маълум аст. Гармоникаи онро устои венгерии арғунун К. Домиан такмил додааст. А. с-ҳои 30 а. 19 дар Австрия, Франсия, Германия, Белгия ва с-ҳои 50 а. 19 дар Италия, дар даҳсолаҳои ох. а. 19 дар Англия, ШМА ва мамолики дигар паҳн гардидааст. Дар Россия номи А. дар шакли «аккордион» ох. а. 19 ва авв. а. 20 пайдо шудааст. Солҳои 80 а. 19 дар Россия аввалин дар ҷаҳон оркестри



Аккордеон.

гармоникаи хроматикӣ таъсис ёфт. А. аз с-ҳои 60 то 90 а. 20 дар Тоҷикистон қариб дар ҳамаи ансамблу оркестр ва дастаҳои ҳунарӣ ба тарзи васеъ истифода мешуд; 2) номи гармоникаи хроматикии клавиатураи тарафи росташ ба фортепиано монандро гӯянд. Ин соз дар Россия нисбат ба дигар мамлакатҳои хориҷа пештар (а. 19) пайдо шуд. Клавиатураи тарафи дасти чап аз тугмачаҳои (аз 24 то 140) дорои алҳони тайёри аккордӣ иборат аст. Қатори 1 аз басҳои фаръӣ, 2 – аз басҳои асосӣ, 3 – аз сеовозаи мажорӣ, 4 – аз сеовозаи минорӣ, 5 – аз септаккорди доминантӣ ва 6 – аз септаккордҳои хурд иборатанд. Дар А.-ҳои хурд баъзе қаторҳо (мас. 6-ум ва 1-ум) вучуд надоранд. Ғайр аз А.-ҳои одӣ боз А.-ҳои клавиатураашон комбинатсионӣ мавҷуданд. Ин А.-ҳо 2 – 5 гурӯҳ забонакҳо барои клавиатураи дасти рост ва 4 – 5 гурӯҳ барои дасти чап доранд, ки ба тавассути тугмаҳои регистр ба кор дароварда мешаванд ва ин барои гуногунранг овоз додани тембри садо кӯмак мерасонад. Бо пайдо шудани сози барқии синтезатор А. дар ансамблҳои эстрадӣ ва дигар дастаҳои ҳунарӣ тадриҷан мавқеи худро аз даст дода истодааст.

А. Зубайдов.

А́ККРА (Accra), пойтахти Ҷумҳурии Гана. Дар ҷанубӣ мамлакат, дар соҳили халиҷи Гвинея ҷойгир аст. Маркази саноатӣ, нақлиётӣ ва фарҳангӣ. Аҳолиаш 2 млн 97 ҳазор нафар (2007). Бандари баҳрӣ, р. о., аэропорти байналхалқӣ дорад. Ба А. аввалин шуда а. 15 португалиҳо омаданд. Ин ҳудудро Дания, Нидерландия ва Британия соҳиб шудан мехостанд ва ҳар яке дар соҳил қалъаҳои мудофиавии худро месохт. А. дар атрофи ду қалъаи дар а. 16 аз ҷониби европоиён биноёфтаи Ашер-Форт (Британия) ва Кристианборг (Дания) бунёд шудааст. Солҳои 1876 – 1957 А. маркази маъмурии мулки мустамликавии Британия бо номи Соҳили Тиллоӣ буд. Аз с. 1957 – пойтахти давлати мустақили Гана. А. дорои корхонаҳои саноатии (70%-и иқтидори истеҳсолӣ ин ҷо ҷойгиранд) коркарди металл, хӯрокворӣ, бофандагӣ, коркарди чӯб, масолеҳи бинокорӣ, маҳсулоти нефту газ ва истеҳсоли доруворӣ мебошад. А. дар қитъа бозори машҳури фурӯши алмос ва какао ҳисоб мешавад. Дар маркази А. биноҳои замонавии бисёртабақа (бонкҳо, фурӯшгоҳҳои универсалӣ, маркази Стейт-ҳаус барои баргузории конференсияҳои байналхалқӣ ва ғ.) ҷой гирифта, атрофаш аз биноҳои кӯҳнасохти камтабақа иборат аст. А. дорои музейи миллӣ, театри драмавӣ, боғи ботаникӣ мебошад. Донишгоҳи давлатӣ дар мавзеи наздишаҳрии Легон воқеъ гаштааст. Аз ёдгориҳои меъморӣ қалъаҳои қадимии Ушер (1605, голландӣ), Ҷеймс (1673, англисӣ) ва ғ. боқӣ мондаанд.



Аккра. Боғи ёдгории ба номи Кваме Нкрума.

АККРЕДИТА́ТСИЯ, дар ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳумест, ки тартиби муайян намудани мақоми субъектҳои ҳуқуқро оид ба пеш бурдани фаъолият тибқи стандартҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъйин мекунад. Мас., А.-и муассисаҳои таҳсилоти олӣ ин тартиби муайян намудани мақоми он дар пешбурди фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Мувофиқи қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 14 дек. 1990 (бо тағйироту иловаҳо) пешбинӣ шудааст, ки воситаҳои ахбори омма бо ризоияти мақомоти давлатӣ, ташкилоту созмонҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ метавонанд рӯзноманигори худро дар назди онҳо вакил намоянд. Рӯзноманигори вакилшуда ҳуқуқ дорад, ки дар маҷлисҳо ва дигар чорабиниҳои ташкилоти ӯро аккредитатсиянамуда иштирок намояд, ӯ ба тартиби ташкилоти мазкур муқарраркарда бо стенограммаҳо, суратмаҷлисҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо таъмин карда мешавад. А.-и рӯзноманигорони хориҷиро ВКХ ҶТ, агар онҳо Сарқонун (Конститутсия) ва дигар қонунҳои ҶТ-ро риоя нанамоянд, метавонад қатъ намояд. Воситаҳои ахбори омма бо иҷозати мақомоти расмӣ метавонанд дар мамлакатҳои хориҷӣ мухбирони худро дошта бошанд (моддаи 33). Қонуни ҶТ «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» аз 14 дек. 1996 ба муассисаҳои радиову телевизион ҳуқуқ медиҳад, ки дар назди мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон гурӯҳҳои эҷодӣ ва кормандони ҷудогонаи худро А. намоянд. Тартиби А.-и гурӯҳҳои эҷодӣ ва кормандони радио ва телевизион аз тарафи Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад (моддаи 26). Бо мақсади озодона паҳн кардани ҳамаи шаклҳои ахбор, ҳамкорӣ дар мубодилаи ахбор бо давлатҳои хориҷӣ, зарурати таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқи журналистон ва дигар ходимони васоити ахбори омма ва фароҳам овардани шароити мусоиди кор дар ҶТ Низомнома дар бораи А.-и мухбирони хориҷӣ дар ҶТ тасдиқ шудааст.

Х. Ойев.

АККРЕДИТИ́В (аз лот. accredo – бовар мекунам), эътиборнома, ваколатнома. 1) Ҳуҷҷати пулӣ ё ҳисоби бонкӣ дар бораи аз як бонк ба бонки дигар интиқол додани маблағи муайян (ҳисоббаробаркунӣ) бо тариқи ғайринақдӣ. 2) Ҳуҷҷати пулии ба номи шахси муайян додашуда, ки мувофиқи он ӯ метавонад аз бонк ё муассисаи кредитӣ маблағи дар А. зикршударо гирад. Ин намуди А.-ро бештар шахсони ба сафарҳои хориҷа рафта истифода мебаранд. 3) Шакли ҳисобӣ дар савдои беруна, ки мувофиқи асъори дар ҳуҷҷат нишондодашуда амалӣ мегардад. А.-и коло ё муомилаи молӣ низ ҳаст, ки дар савдои беруна байни харидор ва таҳвилдиҳанда истифода мешавад. Вобаста ба маврид ва мавқеи истифода А.-ҳо таҷдидшаванда, қисман пардохтшаванда, бебозгашт, тақсимшаванда, захиравӣ мешаванд.

АККРЕДИТОНӢ (лот. accredo – эътимод дорам), дар ҳуқуқи байналмилалӣ маҷмӯи амалиёте, ки вобаста ба таъйин ба мансаби саркори намояндагӣ ва ё намояндаи доимии давлат дар ягон муассисаи байналмилалӣ сурат мегиранд. Раванди А. иборат аст аз: содир намудани акт дар бораи таъйини шахси мазкур ба ҳайси намояндаи дипломатии худ, ахзи мувофиқа (*агреман*) барои қабули ӯ аз тарафи давлати хориҷӣ ва тақдими ваколатнома ба мақомоти салоҳиятдори давлате, ки ин шахс дар он фаъолият хоҳад кард.

Б. Раҳматов.

АККУМУЛЯ́ТОР (лот. accumulator – захиракунанда), асбобест барои захира кардан ва дар мавриди зарурӣ ба истеъмолкунандаҳо додани энергия. Вобаста ба навъи энергияи захирашаванда А.-ҳо электрикӣ, гидравликӣ, ҳароратӣ, инерсионӣ мешаванд.

А.-и электрикӣ энергияи электрикиро дар намуди энергияи химиявӣ захира мекунад ва мувофиқи та-



Аккумлятори электрикӣ.

лаб онро боз ба энергияи электрикӣ табдил дода, ба истеъмолкунандаҳо медиҳад (ниг. *Манбаъҳои химиявии ҷараён*). Хусусияти кории А.-и электрикӣ дар баргардандагии реаксияи химиявӣ асос ёфтааст, ки аз элементҳои галванӣ бо ҳамин фарқ мекунад. Он аз электродҳои мусбат ва манфии дар маҳлули электролит ҷойгиршуда иборат аст. Дар сатҳи ба электролит расидаи электродҳо фарқи потенсиалҳо пайдо мешавад, ки онро *қувваи электрҳаракатдиҳанда* (ҚЭҲ)-и А. меноманд. Вобаста ба навъи электролит А.-и электрикӣ кислотагӣ ва ишқорӣ мешавад. Саноат намудҳои зерини А.-и электрикиро истеҳсол мекунад: сурбӣ-кислотавӣ (Lead Acid), никелу кадмиявӣ (NiCd), никел-металл-гидридӣ (NiMH), литий-ионӣ (Li-ion), литий-полимерӣ (Li-pol) ва никел-руҳ (NiZn). Ин А.-ҳо бо мӯҳлати хизмат (шумораи силҳои заряд-разряд), шиддати миёнаи заряду разряд (ба ҳар элемент 1 – 2 В), энергияи хос (бо Ҷ, кҶ ё Вт·соат), ки аз 1 кг масса ё 1 дм^3 ҳаҷм ҳангоми разряд гирифта мешавад, коэф. амали муфид ва гунҷоиш (бо Ампер-соатҳо) фарқ мекунанд. Фаъолияти А.-и электрикиро бо роҳи зарядноккунӣ (гузаронидани ҷараёни электрикӣ) барқарор кардан мумкин аст. Барои ҳосил кардани шиддати баланд, гурӯҳи А.-ҳоро пай дар пай пайваст мекунанд, ки силсилаи (батареяи) аккумуляторҳо номида мешавад. А.-и электрикӣ дар нақлиёти автомобилӣ, авиатсия, аппаратҳои кайҳонӣ, таҷҳизоти алоқа, асбобҳои ҳавопаймоӣ ва киштиронӣ ва ғ. истифода мешаванд.

А.-и гидравликӣ барои дар системаҳои гидравликӣ як хел нигоҳ доштани фишор ва сарфи моеъ (газ) хизмат мекунад. Бештар дар системаҳое истифода мешавад, ки сарфи моеъ ё газ дар онҳо тағйирёбанда аст. Намуди А.-и гидравликӣ – А.-и пневматикӣ аст, ки барои кам кардани тағйирёбии фишори ҳавои фишурдашуда дар шабакаи пневматикӣ хизмат мекунад.

А.-и ҳароратӣ энергияи гармиро захира карда, меъёру мунтазамии бо буғу энергия таъмин кардани таҷҳизоти саноатро ба амал меоварад.

А.-и инерсионӣ ҷисми мутаҳаррикест, ки миқдори ҳаракаташ назар ба миқдори ҳаракати қуввaҳои ба ҷисм таъсиркунандаи беруна фузунтар аст (мас., *маховик*). Захираи энергияи маховик дар мошинҳо, муҳаррикҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғ. истифода мешавад. *М. Холов.*

АККУМУЛЯ́ТСИЯ (лот. acccumulatio – зам шудан), замшавии таҳшинҳо, седиментатсия, раванди ҷамъ шудани моддаҳои минералӣ ва органикӣ дар хушкӣ ва зери об. А. аз ҳаракати обҳои равон, бод, пирях ва омилҳои геологии дигар пайдо шуда, А.-и обӣ, пиряхӣ, бодӣ (эолӣ) ном мегирад. А. дар доманаи теппаҳо, водиҳо ва дигар шаклҳои андозаҳояшон гуногуни манфии релйеф: аз чуқурии хурд то пастхамиҳои калони пайдоишашон тектоникӣ ба вуҷуд меояд ва қабати ғафсро ташкил дода, тадриҷан ба ҷинсҳои таҳшинии кӯҳӣ мубаддал мешавад. А. дар қаъри укёнус, кӯл ва обанбор раванди муҳимтарини экзогенӣ мебошад.

АКМА́Л, Акмалхони Тошкандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 19). Дар Бухоро зиндагӣ ва эҷод кардааст. Тазкиранависони а. 19 ӯро чун шоири тавоно тавсиф намуда, аз эҷодиёташ намунаҳо овардаанд. Пайрави *Бедил* будааст. Байтҳои зерин аз ӯянд:

Зи бас дар бистари ғам нотавон аз заъфи ҳичронам,
Бурун н-ояд зи дил бо сад кашокаш тоби афғонам.
Бипеч, эй шавқ, бар ҷонам, масӯз, эй доғ, сомонам.
Макаш, эй нола, домонам, магир, эй ғам, гиребонам,
Сиришки маҳви мижгонам, чакидан нест мақдурам.

АКМА́Л Мирзо Муҳаммадкомили Бадахшӣ (1644, ш. Сринагари Кашмир – 1718, ҳамон ҷо), шоири форсизабони Ҳиндустон. Аҷдоди А. аз Тошканд ба Бадахшон ва баъдан ба Ҳиндустон кӯчиданд. Нисбаи Бадахшӣ гирифтанаш аз ҳамин ҷост. А. яке аз шоирони сермаҳсул аст (ҷамъи ашъораш 80000 байт). Мавзӯъҳои асосии нигоштаҳояш ирфону тасаввуф, фалсафа, ишқу муҳаббат, панду насиҳат, даъват ба дӯстиву сулҳу салоҳ байни қавмҳои мазҳабашон гуногун ва ғ. мебошанд. Дар пайравии «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ китобе навиштааст бо номи «Баҳрул-ирфон» (иборат аз 4 ҷилд). Аксар шоирони форсизабони Ҳиндустон ба ин асар тақлиду пайравӣ карда маснавӣ офаридаанд. А. аз шоирони форсигӯи Кашмир нахустин касест, ки достонҳои ҳиндӣ, мас., «Аканандон»-ро ба форсӣ гардондааст.

АКМА́Л Шермуҳаммади Хӯқандӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1821), шоири зуллисонайн. Асарҳояшро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навиштааст. Баъди таҳсил дар Мадрасаи Мири Хӯқанд ба тадрис машғул гардид. Мувофиқи маълумоти тазкиранигорон *Фазли Намангонӣ*, Қорӣ Раҳматуллоҳи *Возеҳ* А. дар шеъру шоирӣ обрӯю эътибори баланд дошта, соҳиби ду девон – яке ба тоҷикӣ ва дигаре ба ӯзбекӣ будааст. Дар пайравии Мирзо Абдулқодири *Бедил* ғазал мегуфт, мухаммасҳо бар ғазалҳои Бедил низ дорад.

АКМЕ́ИЗМ (аз лот. akme дарачаи олии ягон ашё, чизе), равияи модернистӣ (навҷӯй) дар назми с-ҳои 10 а. 20 рус, ки дар натиҷаи бӯҳрони маданияти буржуазӣ дар даврони пеш аз инқилобӣ ба майдон омадааст. Намояндагони он Н. С. Гумилев, С. М. Городеский, А. А. Ахматова, О. Э. Менделштам ва дигарон доираи адабиеро бо номи «Коргоҳи шоирон» («Цех поэтов») таъсис дода, дар мач. «Аполлон» (1909 – 17) муттаҳид шуданд. А.-ро аксаран «адамизм» меномиданд, ки бунёди он ба парастиши мабдаи биологии табиат нигаронида шуда, ба тамоми асоси ичтимоӣ муқобил гузошта мешуд. Пайравони равияи мазкур истилоҳи «кларизм» (аз лот. clarus – равшан даркшуда)-ро низ ба кор мебурданд. Мақсади пайравони А. ислоҳи эстетика (зебоишиносӣ) ва поэтика (балоғат)-и символизм буд. Онҳо принсипи «Санъат барои санъат»-ро асос гирифта, сохти ичтимоиро танқид намекарданд. А. чун ҷараёни адабӣ пас аз Инқилоби Октябр (1917) аз байн рафт.

АКО́БИРОВ Акрам Қурбонович (тав. 4. 8. 1954, пос. Ҷилликул, ноҳ. Колхозобод; ҳоло ноҳ. Ҷалолиддини Румӣ), арбоби низомӣ, генерал-майор (2003). Хатмкардаи фак-ти таърихи УДТ (1976). Муаллими мактаби миёна дар ноҳ. Ёвон (1976 – 79), таҳсил дар Мактаби махсуси Комитети амнияти давлатии СССР (ш. Тошканд, 1979 – 80), ваколатдори фаврӣ дар ноҳ. Ёвон (1980 – 84), таҳсил дар Академияи Комитети амнияти давлатии СССР дар ш. Москва (1984 – 85), хидмат дар Ҷумҳурии Афғонистон (1988


Акобиров Ҷонибек.


Акобиров Юсуф.

– 90), сарваколатдор ва ҷонишини сардори гурӯҳи фаврӣ дар минтақаи Кӯлоб (1990 – 96), ҷонишини сардори раёсати Комитети амнияти миллӣ (КАМ) дар вил. Суғд (1996 – 97), ҷонишини сардори раёсати КАМ дар вил. Хатлон (1997 – 99), сардори раёсати КАМ-и вил. Суғд (1999 – 2004), сардори раёсати КАМ-и ҶТ (2004 – 06). Аз с. 2006 мушовири Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, мушовири сафоратхонаи ҶТ дар Ҷумҳурии Қирғизистон (аз с. 2009). Бо ордени Спитамен сарфароз гардидааст.

И. Баҳромов.

АКОБИ́РОВ Ҷонибек (тав. 2. 1. 1953, деҳаи Равшании ноҳ. Комсомолобод), нависандаи тоҷик. Хатмкардаи УДТ (1980). Мусаҳҳеҳи нашриёти «Ирфон» (1971 – 78), мухбири ТоҷикТА (1978 – 80), мухбири г. «Маданияти Тоҷикистон» (1980 – 83), корманди г. «Адабиёт ва санъат» (1983 – 85). Аз соли 1985 сармуҳаррири маҷаллаи миллии адабии «Садои Шарқ». Маҷмӯаи нахустини ҳикояҳояш «Дунё ба умед» (1983). Баъдан маҷмӯаҳои ҳикояҳо ва очеркҳояш ба номҳои «Хирмани ситора» (1985), «Кӯҳистонӣ» (1987), «Пазмонӣ» (1993; дар ин маҷм. Повести «Бозии тақдир» ҷой дорад), «Оҳанги дареғ» (2003) ба табъ расиданд. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳикояҳои А.-ро асосан зисту зиндагонӣ, урфу одати мардуми кӯҳистон, сарнавишти ҷавонон, хусусан онҳое, ки аз деҳа озими шаҳр гардида, вале аз фаҳму шинохти мардуми деҳа ба куллӣ канда нашудаанду зиндагии шаҳр низ барояшон муаммоҳои тозае ба пеш меоварад, ташкил намудаанд. Аз навиштаҳои А. пайдост, ки ӯ бештар ба масъалаҳои ахлоқ, сарнавишти ибратбахши инсон майл дорад. А. бори нахуст дар Тоҷикистон баъзе асарҳои адиби рус В. Шукшин, ҳикояҳои нависандаи маъруфи собиқ Югославия, дорандаи Мукофоти Нобел Иво Андрич, ҳикояҳои адибони кишварҳои соҳили Балтик ва адибони булғор, афсонаҳои маҷорӣ ва ғ-ро ба тоҷикӣ гардондааст. Баъзе ҳикояҳои А. ба забонҳои франсавӣ, вйетнамӣ, белорусӣ, украинӣ, арманӣ, ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. Барандаи ҷоизаи адабии ҷавонони ҷумҳурӣ (1990), ҷоизаи байналмилалии адибони форсигӯи ҷаҳон «Ялдо» (2004) ва ҷоизаи адабии ИН Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1984.

Ос.: Кӯҳистонӣ, Д., 1987; Пазмонӣ, Д., 1993; Оҳанги дареғ, Д., 2003.

Ад.: Н а б а в ӣ А., Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср, Д., 2009. *А. Набавӣ.*

АКОБИ́РОВ Юсуф (тав. 1. 1. 1937, деҳаи Соктаре, ҳоло Садриддин Айнӣ, ноҳ. Ғиждувони вил. Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон), нависандаи тоҷик. Нависандаи халқии Тоҷикистон (2001), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1997). УДТ-ро хатм карда (1959), ба идораи маҷ. «Садои Шарқ» ба кор омад. Дар курсҳои олии филмноманависӣ (ш. Москва) таҳсил кардааст (1960 – 61). Мудири шӯъбаи наср (1962 – 67) ва котиби масъули маҷ. «Садои Шарқ» (1967 – 88), машғул ба кори эҷодӣ (1988 – 90), котиби масъули Кумитаи мукофотҳои давлатии ҶТ ба номи Рӯдакӣ (1990 – 97). Аз с. 1997 бознишаста, машғули кори эҷодӣ.

Дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон нахустин ҳикояҳову очеркҳояш ох. с-ҳои 50 а. 20 ба табъ расиданд. Нахустин асари калонҳаҷми ӯ драмаи «Рӯдакӣ» мебошад, ки с. 1958 дар Театри драмаю мусиқии ш. Хуҷанд ба саҳна гузошта шуд. Соли 1963 повести «Баъде, ки осиё бозмонд» бо пешгуфтори С. Улуғзода ба табъ расид, ки дар он ҳунару истеъдоди нигорандагии А. зоҳир шуд ва чун суханвари умедбахш вирди забони аҳли табъу завқи Тоҷикистон ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қарор гирифт. А. дар асарҳои баъдинаи худ повестҳои «Духтаре, ки чустучӯяш мекунам» (1963), «Мунира» (1964), «Балоғат» (1966), «Осмони соф» (1969) ба мавзӯъҳои азобу ранҷҳои солҳои аввали баъди ҶБВ (1941 – 45), зисту зиндагӣ, фикру зикри мардуми деҳот, ишқу муҳаббат, рашку ҳасад ва ташаккули авзои рӯҳиву равонии ҷавонон рӯй оварда. Мавзӯи нахустин романи А. «Замини падарон» (1974) заҳмати садоқатмандонаю фидокориҳои мардуми Тоҷикистон дар роҳи аз худ кардани заминҳои лабташна, тағйироти маънавию ахлоқии бунёдкорони зиндагии нав дар водии Вахш мебошад. Романи «Норак»-и А. (1978) ба масъалаи чустучӯҳои маънавию ахлоқӣ ва илмию техникӣ дар мисоли сохтмони азими аср НБО-и Норак, ҷоннисории мардум дар сохтмони он бахшида


Акрамов Аслам.


Акрамов Зикриё.

шудааст. Ин асар дар замони шӯравӣ пас аз тарҷума ва нашраш ба забони русӣ шӯҳрати умумииттифоқӣ ва байналмилалӣ пайдо кард. Романи «Водии Муҳаббат» (1980; ба шакли китоб – 1983) ба мавзӯи кишоварзӣ – аз худ кардани заминҳои бекорхобидаи Бешкент ва умуман водии Вахш бахшида шудааст. Романи «Дунё ба умед» (1984) аз воқеаҳои ох. а. 19 ва авв. а. 20, аз рӯзгору сарнавишти фочиабори зиёиёни тоҷик ҳикоя мекунад. А. дар повестҳояш бештар ба воқеанигорӣ аҳамият медиҳад. Дар романҳояш таҳқиқи бадеӣ, тасвири равонию рӯҳӣ, фикру андешаҳои мухталифи қаҳрамонон дар мавқеи аввал қарор дорад. Ба қалами А. инчунин китоби ҳикояю очеркҳои «Қандак гул кард» (1965), «Сайри дирӯзу фардо» (1982), «Паёми Данғара» (1992), китоби ҳуҷҷатию публитсистии «Садриддин Айнӣ» (ҳамроҳи Ш. Ҳорисов) тааллуқ доранд. Аз рӯи повестҳои «Баъде, ки осиё бозмонд» ва «Балоғат» студияи «Тоҷикфилм» филмҳо ба навор гирифтааст. А. баъзе аз асарҳои Ф. Достоевский, А. Чехов, М. Авезов, А. Мухтор, С. Аҳмад, М. Левин, З. Дӯстматов ва дигаронро ба тоҷикӣ гардондааст. Қариб тамоми асарҳояш ба забони русӣ, қисме аз онҳо ба забонҳои украинӣ, белорусӣ, литвонӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, бошқирдӣ, англисӣ, арабӣ, италиявӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Соли 1980 барои романи «Норак» сазовори Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ, Ҷоизаи умумииттифоқии Иттифоқи касаба ва Иттифоқи нависандагони СССР гардидааст. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» (1987), медали «Барои меҳнати шоён. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин» (1990), Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. (1978, 1980) сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1963. *Ю. Акбарзода.*

АКРА́М, Акрамхоҷаи Тошкандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 19). Дар Бухоро зиндагӣ ва эҷод кардааст. Мувофиқи маълумоти «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарам


Акрамов Набӣ.


Акрамов Наримон.

А. шахси таҳсилдида, огоҳ аз улуми мутадовилаи замон будааст. Дар тазкираҳо ва баёзҳо ғазалҳояш ба назар мерасанд. Абёти зерин аз ӯст:

Бе майи лаъли лабат кай дорад имкон зиндагӣ,
Соғари ҷисмӣ надорад бе майи ҷон зиндагӣ.
Ғунча дилхун, бенаво булбул ба гулшан бе рухат,
Бе рухат, ҷоно, надорад ҳеҷ сомон зиндагӣ.
Дил ба ёди рӯи гулгуни ту хун гардидааст,
Меравад охир зи дастат додгӯён зиндагӣ.
Акрам аз мӯи миёнаш нуқтае гар во кунад,
Во намуд аз нозукиҳои раги ҷон зиндагӣ.

АКРА́МОВ Аслам Шарифович (тав. 29.7.1959, ш. Кӯлоб), генерал – майори хадамоти гумрук (2003). Хатмкардаи фак-ти иқтисодии УДТ (1981). Аввал дар мақомоти комсомолию Ҳизби коммунисти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1982 – 90) кор карда, сипас сармутахассис ва сардори фонди нафақаи Комитети иҷроияи вил. Кӯлоб,, роҳбари «Сомонбонк»-и ш. Кӯлоб (1990 – 97), сардори шӯъбаи гумруки аэропорти ш. Кӯлоб, сардори шӯъбаҳои гумруки ноҳ–ҳои Панҷакент, Хуҷанд, сардори идораи гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии ҶТ дар вил. Хатлон (1997 – 2002), муовини вазир – сардори Департаменти гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии ҶТ (2003 – 06) буд. Аз с. 2006 корманди Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ. Бо ордени Шараф (дараҷаи 1) сарфароз гардидааст.

АКРА́МОВ Зикриё Иномович (тав. 2. 7. 1961, Душанбе), доктори илмҳои таърих (2000), проф. (2005). Хатмкардаи фак-ти таърихи УДТ (1983). Солҳои 1983 – 87 муаллим, 1987 – 89 котиби Комитети комсомолии ДДСТ ба номи М. Турсунзода, 1989 – 91 аспирант, 1991 – 2001 устоди ДМТ, 2001 – 05 проф. ДСРТ, 2005 – 09, декани фак-ти таърихи ДМТ буд. Аз с. 2009 мудири шӯъбаи илмҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии назди ДМТ. А. бештар оид ба таърихи таҳаввулоти сохтори иҷтимоӣ-синфии ҷомеаи тоҷик дар а. 20 таҳқиқот анҷом дода, дар ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ дар ш-ҳои Москва, Санк-Петербург, Алма-Ато, Душанбе иштирок ва суханрониҳо кардааст. Соли 2000 дар мавзӯи «Хусусиятҳои миллии рушди синфи коргари Тоҷикистон дар қарни XX» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Муаллифи китобҳои «Тарбия ва боло-равии савияи маданӣ-техникии кадрҳои коргарии Тоҷикистон» (1996), «Хусусиятҳои миллии инкишофи синфи коргари тоҷик» (1999), «Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1918 – 1926)» (2002), «Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон: марҳалаҳои асосии таърих» (2008) ва беш аз сад мақолаи илмӣ, илмию методӣ, илмӣ-оммавӣ. Аълочии маорифи ҶТ.

Қ. Расулиён.

АКРА́МОВ Мансур (1887, Хуҷанд – 1943, Ҷумҳурии Мухтори Коми), аз муборизон ва фаъолони барқароркунии Ҳокимияти Советӣ ва сохти колхозӣ дар шим. Тоҷикистон. Фармондеҳи гурӯҳи ихтиёриёни Армияи Сурх (1922 – 24), сипас сардори шӯъбаи милитсияи ш. Хуҷанд (1925 – 26), муовини раиси ширкати саноатии Хуҷанд ва раиси шӯъбаи милитсияи ш. Исфара (1927 – 28), муовини раиси Комитети иҷроияи ш. Хуҷанд (1928 – 30), раиси к-зи ба номи Сатторови ноҳ. Нов (1931 – 34), раиси к-зи ба номи Ворошилови ноҳияи Сталинобод, муовини Комитети иҷроияи ноҳ. Сталинобод (1934 – 37). Бо орденҳои Ситораи Сурх ва «Нишони фахрӣ» ва бо аслиҳаи ёдбудӣ сарфароз гардидааст.

Л. Бойматов.

АКРАМОВ Набӣ Муҳаммадҷонович (тав. 17. 7. 1957, ш. Истаравшан) – полковник, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1982). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи олии фармондеҳии умумиҳарбии ба номи И. С. Конев ш. Алмаато (1980) ва Академияи ҳарбии ба номи М. В. Фрунзе (1986). Солҳои 1980 – 82 дар ҳайати қӯшунҳои махдуди шӯравӣ дар Афғонистон хидмат кард. Дар як амалиёт ротае, ки А. фармондеҳӣ менамуд, тӯдаи калони мухолифинро торумор кард. Барои ин корнамоӣ бо унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардид. Солҳои 1986 – 90 дар гурӯҳи Артиши Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Демократии Германия хидмат намудааст. Аз с. 1991 афсари калони Қуввахои Мусаллаҳи Федератсияи Россия. Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, «Хуршеди Инқилоб»-и собиқ Республикаи демократии Афғонистон, медалҳо, Грамотаи махсуси Президиуми Совети Олии СССР сарфароз гардидааст.

Б. Аҳмадов.

АКРАМОВ Наримон Мансурович (1. 6. 1932, ш. Хуҷанд – 13. 6. 1996, ҳамон ҷо), муаррих, доктори илмҳои таърих (1975), проф. (1975). Хатмкардаи фак-ти таърихи филологияи УДТ (1956). Солҳои 1956 – 59 муаллими мактаби миёна ва омӯзгори кафедраи таърихи СССР-и Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод, 1959 – 62 аспирант, 1962 – 63 ходими хурди илмии Ин-ти таърихи АИ РСС Тоҷ., 1963 – 75 дотсент, 1975 – 77 проф., 1977 – 93 мудири кафедраи таърихи СССР-и Ин-ти давлатии педагогии Душанбе буд. Аз с. 1993 проф. кафедраи таърихи ҳалқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. А. доир ба саҳми тадқиқотчиёни рус дар омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии халқҳои Помир ва атрофи он як силсила таълифот ба табъ расонда, перомуни ҳаёту фаъолияти илмии шарқшиносону муаррихони рус китобу рисолаҳо навиштааст.

Ос:. Выдающийся русский востоковед В. В. Бартольд: научно-библиографический очерк, Д., 1963; Александр Александрович Семёнов: научно-библиографический очерк, М., 1971; Андреев Михаил Степанович – тадқиқотчии таърихи тоҷикони кӯҳистон, Д., 1977; Таърихи Ленинобод, Д., 1986; Тоҷикистон дар асарҳои тадқиқотчиёни рус, Д., 1990.

С. Гуломшоев.

АКРА́МОВ Юсуф (1. 9. 1925, деҳаи Қалъачаи Бакавули ноҳ. Истаравшан – 1. 8. 2009, Душанбе), хокшинос, доктори илмҳои кишоварзӣ (1979). Иштирокчии ҶБВ (1941 – 45). Хатмкардаи фак-ти агрономии Академияи кишоварзии ба номи К. А. Тимирязеви ш. Москва (1956). Ходимихурди илмӣ (1956 – 59) ва аспиранти Инти хокшиносӣ, ирригатсия ва мелиоратсияи АИ РСС Тоҷ. (1959 – 62), корманд (1962 – 76) ва мудири шӯъбаи биологияи хоки Ин-ти тадқиқоти илмии хокшиносии Вазорати кишоварзии Тоҷикистон (1976 – 2001). Аз с. 2001 проф. фак-ти биологияи ДАТ буд. А. муаллифи зиёда аз 40 асару мақолаҳои илмист, ки ба масъалаҳои омӯзиши моддаҳои органикии таркиби хок ва хусусиятҳои биологии он оиданд. Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ», Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи I), Шараф (дараҷаи 3), медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.



Ос.: Русско-таджикский терминологический

словарь по почвоведению, Д., 1981; Действие органических веществ и минеральных удобрений на плодородие и производительность почв, Д., 1983; Органические вещества почв в вертикальных поясов Таджикистана, его роль в почвообразовании и земледелии, Д., 1987; Моддаҳои органикии хоки минтақаҳои амудии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар пайдоиши хок ва зироат, Д., 1991.

АКРЕ́КС, дезин, динобутан, динофен, як навъ моддаи химиявӣ. Кристаллҳои рангаш зард; ҳарор. гуд. 61 – 62°С. Дар об бад, дар спирт нисбатан беҳтар, дар атсетон ва ксилол нағз ҳал мешавад. А.-ро чун хокаи намкаши 50%-а истеҳсол мекунанд. Суспензияи 0,1 – 0,5%-аи он барои нест кардани канаҳои растанихӯр ва занбӯруғҳои гарда, тортанакҳои пахта (ба ҳар га 1 кг), канаи дӯлона ва канаи дарахтони мева (ба ҳар га 0,75 – 2 кг), гардаи себу нок (ба ҳар га 0,75 – 1,5 кг), канаи сурхи растаниҳои ситрусӣ (ба ҳар га 3 – 4 кг), тортанаккана ва гардаи бодиринг (1,5 –3 кг) истифода мегардад. А. хеле заҳрнок аст ва канаҳоро дар ҳамаи давраи инкишоф маҳв мекунад. Бинобар ин дар вақти ба доруҳои фосфороорганикӣ тобовар шудани канаҳо ин доруҳоро метавон бо А. иваз кард. Дар таркиби себ, нок, ангур, растаниҳои ситрусӣ аз 0,05 мг/кг зиёд бокӣ мондани А. чоиз нест (вале дар таркиби ғуҷуммеваҳо набояд бокӣ монад). Дар давраи нашви растанӣ А.-ро аз ду маротиба зиёд намепошанд. Истифодаи А. дар атрофи ҳавзҳои моҳипарварӣ манъ аст. Баъди 3 рӯзи истифодаи А. ба корҳои мошинӣ ва пас аз 8 – 10 рӯз ба корҳои дастӣ иҷозат дода мешавад. Барои занбӯри асал заҳр аст, аз ин лиҳоз онро дар давраи гули растаниҳо истифода бурдан мумкин нест.

АКРИДИ́Н, дибензпиридин, пайвасти гетеросиклӣ, $C_{13}H_9N$, аз се ҳалқаи шашузвае, ки бо ҳам конденсатсия шудаанд, иборат аст. А. ба миқдори хеле кам дар таркиби зифти ангиштсанг (равғани сабз) дучор мешавад. А. кристаллҳои беранг ҳосил менамояд; ҳарор. гуд. 111°С. Дар маҳлул ранги кабудча, ки хоси бисёр пайвастҳои акридинӣ аст, пайдо мекунад. Бо кислотаҳои қавии минералӣ намакҳои зардтоби шӯшабаста ба вуҷуд меоварад. А.-ро бо роҳи синтез ҳангоми бо кислотаи мӯрча дар иштироки хлориди руҳ гарм кардани дифениламин ҳосил мекунанд. Баъзе ҳосилаҳои А. хосияти бактерисидӣ дошта, чун дору дар тиб истифода мешаванд, мас., ревинол (этакридин) ва акрихин (атебрин). Бархе аз ҳосилаҳои онро дар химияи таҳлилӣ чун индикатор ба кор мебаранд. А. асоси як қатор рангҳост, чунончи, рангҳои норанҷии акридинӣ, зарди акридинӣ, бензофлавин, хризамилин ва ғ.

АКРИЛАМИ́Д, $CH_2 = CHCONH_2$ (2-пропенамид); кристаллҳои беранг, ҳарор. гуд. 84,5°С, ҳарор. ҷӯш. 215°С. Дар об, метанол, этанол, атсетон хуб, дар этилатсетат, хлороформ, бензол, гептан бад ҳал мешавад. Гурӯҳи $CONH_2$ ба реаксияҳое, ки барои амидҳои кислотаҳои карбони алифатӣ хос аст, дохил мешавад. А. хосияти сусти амфотерӣ дорад. Бо трет-бутилати Na ва кислотаи сулфат намак ҳосил мекунад. Ҳангоми бо маҳлули обии формалдегид дар иштироки асосҳо (pH 7 – 9) таъсир намудан, ба N-метилолакриламиди ноустувор ($CH_2 = CHCONHCH_2OH$) ва дар иштироки катализаторҳои кислотагӣ (ва барзиёд будани А.) ба N, N^1 – метилен-бис-акриламид [$(CH_2 = CHCONH_2)_2CH_2$] табдил меёбад. Ба банди дучандаи А. аминҳои алифатии якумин ва дуюмин, NH_3, спиртҳо, меркаптанҳо, H_2S, кетонҳо ва моддаҳои дигар зуд пайваст мешаванд. А. бо карбогидридҳои диенӣ ба синтези диенӣ дохил мешавад; дар натиҷаи гидродимеризатсияи электрохимиявӣ ба адинодиамид табдил меёбад. Зимни полимеризатсия шудан полиакриламид ҳосил мекунад. А.-ро дар саноат бо роҳҳои зерин ба даст меоранд: гидролизи А. бо H_2SO_4-и 84,5%-а дар ҳарор. 80 – 100°С дар иштироки ингибиторҳои полимеризатсия (намакҳои Cu ва Fe, S, фенотиазин ва ғ.); гидролизи катализии А. дар ҳарор. 80 – 120°С дар иштироки катализаторҳои мис (миси Реней, Cu/Cr_2O_3, $Cu/Al_2O_3{\cdot}SiO_2$ ва ғ.). А. мономер барои истеҳсоли полиакрилонитрил ва ҳосил кардани сополимерҳо бо акриламид, стирол, винилатсетилен, акрилонитрил ва кислотаи акрилат мебошад. А. моддаи оташангез ва заҳрнок аст; ба системаи асаб, ҷигар, гурда зарар мерасонад, пардаҳои лубобии чашмро месӯзонад.

АКРОБА́ТИКА (аз юн. akrobateo - бо нӯги пой мегардам, боло мебароям), 1) навъи машқи варзиши ҷисмонӣ аз қабили гимнастика. 2) Навъи варзиш, ки машқҳои бисёри гимнастикиро дар бар мегирад: ҷаҳишҳои акробатӣ, машқи омехтаи дукаса (марду зан), машқи дукасаи мардона, машқи гурӯҳии мардона (секасӣ ё чоркасӣ) ва ғ. Аз рӯйи он машқҳо мусобиқаҳо мегузаранд ва мувофиқи таснифоти варзиши ягона дараҷаҳои варзишӣ дода мешаванд. А.-ро дар дигар навъҳои варзиш (гимнастикаи варзишӣ, ҷаҳидан ба об, футбол, баскетбол, волейбол ва ғ.) низ васеъ истифода мебаранд. Доир ба А. аз с. 1964 ҳар сол чемпионатҳои ҷаҳон гузаронда мешавад. Дар Тоҷикистон А.-и варзишӣ ох. с-ҳои 50 а. 20 дар ш. Душанбе рӯ ба инкишоф ниҳод. Соли 1976 дар ш. Душанбе Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии № 8 оид ба А.-и варзишӣ кушода, с. 1981 маҷмааи махсусгардонидаи А.-и варзишӣ ба истифода дода шуд. Соли 1993 Федератсияи акробатикаи ҶТ таъсис ёфт ва бори аввал варзишгари тоҷик Саидов Д. С. дар Чемпионати ҷаҳон иштирок кард (ҷойи 12-ум). Соли 1996 акробати тоҷик дар Чемпионати Осиё сазовори медали нуқра гардид. Варзишгарон Маҳмудов Ф. (2003) ва Шапоров Д. (2005) дар мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми В. Волков» соҳиби ҷоизаҳо шудаанд. Дар байни акробатҳои ҷумҳурӣ қариб 300 нафар Устоди варзиши СССР, 9 нафар Устоди варзиши РСС Тоҷ. ва 5 нафар Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ ҳастанд (2010). Ҳоло А.-и варзишӣ дар ш. Душанбе ва вил. Хатлон инкишоф меёбад. 3) Жанри санъати сирк, ки дар саҳна чолокӣ ва зӯри мушакҳои бозигарро намоиш медиҳад. Санъати акробатӣ аз қадим дар Миср, Юнон, Хитой, Рим, Византия ва Япония маъмул буд. Дар Осиёи Миёна ҳам дар асрҳои миёна унсурҳои А.-ро истифода мебурданд. Намудҳои гуногуни А. ва жонглёрӣ вуҷуд доштанд. Мас., раққос-жонглёр (тосбоз, кордбоз) бо қайроқ рақс карда, дар паси сар табақи чӯбин ё сафолро нигоҳ ме-



Акробатика дар сирк.

дорад ва оҳистаю моҳирона онро аз паси сар то миёнаш ба ҳаракат меовард ва ғ. Дар сирки муосир навъҳои асосии А: ҷаҳиш, китфӣ, зӯрталабӣ, мавзун, волтижёрӣ, ширинкорӣ, аспсаворӣ, бозиҳои икарӣ ташаккул ёфтаанд. А.-и ҷаҳиш дар саҳнаи сирк аз иҷрои салто, флик-флякҳо, машқҳо дар асбобҳои ба боло ҳаводиҳанда (тахтаи хеззанонанда, батут, арғунчакҳо, лотингҳо) иборат аст. Батути амортизатораш резиниро ҳунарпешагони европавӣ авв. а. 20 ихтироъ карданд. Хусусияти А.-и китфӣ тавъамшавӣ бо дигар намудҳои А.: баромадҳо аз тахтаи хеззанонанда, батут, акробатҳои аспсавор, гурӯҳҳои акробатӣ мебошад. Дар А.-и волтижёрӣ акробатҳои поёнӣ бо дастҳои худ акробати дигарро боло партофта, боз онро баъди иҷрои ҳуққабозиҳои мухталифаш дошта мегиранд. Шакли махсуси А. бозиҳои икарист. Дар он акробатҳои поёнӣ дар рӯи тринка бо тахтапушт хобида, бо пойҳояшон шарикони худро, ки ҳуққабозӣ мекунанд, боло бардошта сӯйи якдигар ҳаво медиҳанд. А.-и ширинкориро акробатҳои масхарабоз иҷро мекунанд. Ҳунарнамоии онҳо аз ҷаҳиши тези акробатӣ, каскадҳо, ғелониш иборат аст. Хусусияти хоси А.-и ширинкорӣ аксаран дар ниқоби ширинкорӣ такрор намудани ҳуққабозиҳо бо саҳнаҳои сужетнок мебошад. Дар А.-и зӯрталабӣ акробатҳо бо дастҳо, сар рост истода ҳаракатҳои суръатнок ва машқҳо иҷро мекунанд. Дар А.-и мавзун мавзунияти бадан хеле муҳим аст. А.-и аспсаворӣ – иҷрои машқҳо дар аспҳои гашташтон гуногун мебошад. А. шартан ба суръатнок ва мавзун тақсим мешавад. А.-и мавзун нигоҳ доштани мувозинат дар ҳолатҳои гуногун аст. Дар омезиш ҳар ду навъ композитсияи ягонаро ташкил медиҳанд. А. дар сирк жанри асосист. Унсурҳои А. дар санъати хореографӣ ва намоишҳои театр низ истифода мешаванд.

Ад.: Игнашенко А., Акробатика, М., 1956: Гуревич З. О., О жанрах советского цирка, М., 1984; Цирковое искусство России: Энциклопедия, М., 2000. *М. Н. Шапоров.*

АКРОЛЕЙН, $CH_2 = OH - CHO$, навъе аз алдегидҳои беҳад. Моеи беранг, бӯи бад дорад; ҳарорарти ҷӯшишаш 52,5°С. Ҳангоми буғронии чарбҳо бо миқдори хеле кам ҳосил мешавад. А.-ро бо роҳи бо моддаҳои обгир (мас., бисулфати калий) гарм кардани глитсерин, дар техника бошад, бо роҳи бевосита оксидкунонии пропилен ҳосил мекунанд. Аз сабаби дорои бандҳои беҳад будан, ба полимеризатсия майл дорад. Ба реаксия дохил мешавад, бинобар ин вайро барои истеҳсоли зифтҳои синтезӣ ва моддаҳои гуногун истифода мебаранд. А. дар истеҳсоли дорувор низ кор фармуда мешавад.

АКРОМЕГА́ЛИЯ (юн. ákron – дасту по ва mégas – бузург), беморие, ки сабабаш ихроҷи барзиёди гормони сабзиш аст. Сабабҳои А. пурра омӯхта нашудаанд. А. дар аксари беморон бо омоси гипофиз алоқаманд аст. Баъзан захми сар, зарбаи рӯҳӣ ва сирояти музмин боиси А. мегардад. А. дар натиҷаи ҳомилагии иллатнок ё баъди таваллуд низ инкишоф меёбад. Ҳангоми А. номутаносиб сабзидани устухонҳои скелет, бофтаҳои нарм, узвҳои дарунӣ ва баъзе ихтилолоти мубодилавӣ зуҳур мекунанд. Одатан, А. пас аз анҷоми рушди организм ба вуҷуд омада, тадриҷан инкишоф меёбад ва солиёни дароз тӯл мекашад. А. дар кӯдакон метавонад боиси азимҷуссагӣ шавад. Ба А. асосан занҳои 18 – 35-сола гирифтор мешаванд. Беморӣ тадриҷан оғоз меёбад: беҳолии тамоми бадан, дарди даст ва ихтилоли ҳассосияти он, рушди номутаносиб ва тағйири шакли рӯй ба сабаби калон шудани бинӣ, ҷоғи поён, камони фавқи абрӯ ва рухсора. Лабҳо ғафс ва панҷаи дасту пой аз ҳад зиёд паҳн мешавад, забон дар даҳон бо душворӣ ҷой мегирад. Беморон аз дарди сар, хастагӣ, заъфи босира ва ғадудҳои ҷинсӣ шикоят мекунанд. Онҳо бояд доиман таҳти назорати духтури чашм, невропатолог ва эндокринолог бошанд. Усулҳои ҳозираи муолиҷа (шуоъшифоӣ, муолиҷа бо адвиёт ва ғ.) имкон медиҳанд, ки тарашшӯҳи барзиёди гормони сабзиш бартараф ва ҳолати бемор сабук карда шавад.

Ад.: Марова Е. И., Нейроэндокринология, М., 1999; Гайдар Б. В., Гофман В Р., Опухоли хиазмальноселлярной области, дар кит. Практическая нейрохирургия, М., 2002.

АКРО́ПОЛ (Akropolis; аз юн. akros – боло ва polis – шаҳр), ӯрда ва ҳисори шаҳр дар Юнони Қадим. А. аввал ҷойи истиқомати одамон буд. Баъд дар атрофи он шаҳристони калоне бунёд гардид. А. ҳамчун қалъа ва истеҳкоми муҳофизатӣ хизмат мекард. Ҳангоми ҷанг аҳолӣ дар А. паноҳ меёфт. А. ибодатгоҳ ва ҷойи парастиш низ ҳисоб мешуд. Дар он ҷо муҷассамаҳои худоён ва қаҳрамонони асотирӣ воқеъ буданд. Аз харобаҳои А.-и ш-ҳои Микен, Афина, Аргос нишонаҳои тамаддуни гузашта бисёр ёфт шудаанд. А.-и Афина (а. 5 то м.) зеботарини онҳо буд. Бозёфтҳои



Акрополи Афина.

санъати меъморӣ ва муҷассамаҳои он ҷолиби диққат буда, қисми зиёди онҳо дар музейи Британия маҳфузанд. Ҳоло А.-и Афина музейи бастошиносист.

АКС, дар мантиқ як навъи натиҷагирии бевоситаест, ки мавзӯи ҳукми мабдаӣ ба ҷойи хабар ва хабари ҳукм ба ҷойи мавзӯъ гузошта мешавад. А. ду навъ аст: одӣ ва маҳдуд. Дар А.-и одӣ ҳаҷми мафҳумҳои мавзӯъ ва хабари ҳукм бетағйир мемонад. Мас., А.-и ҳукми «Ҳеҷ як инсони сулҳдӯст тарафдори мусаллаҳшавӣ нест», ҳукми «Ҳеҷ як тарафдори мусаллаҳшавӣ инсони сулҳдӯст нест» мебошад. Ҳукмҳои умумии инкорӣ ва ҷузъии тасдиқӣ бо таври одӣ А. мешаванд. Зеро, агар «Ҳеҷ як S – P нест» ҳақ бошад, пас «Ҳеҷ як P – S нест» низ ҳақ мешавад. Ё дар ҳолати ҳақ будани ҳукми «Баъзе S – P аст», бояд «Баъзе P – S аст», ҳам ҳақ бошад. А.-и маҳдуд тағйири ҷиҳати миқдории ҳукми мабдаиро тақозо менамояд, зеро мафҳуме, ки дар муқаддима ҳаҷмаш пурра ифода нашудааст, дар хулоса низ пурра ифода намегардад. Бинобар ин А.-и ҳукми умумии тасдиқӣ ҳукми ҷузъии тасдиқӣ аст. Мас., А.-и ҳукми «Ҳама гуна ҷиноят сазовори ҷазо аст», ҳукми «Баъзе кирдоре, ки сазовори ҷазо аст, ҷиноят мебошад», аст. Дар ин ҷо ҳаҷми мафҳуми «сазовори ҷазо», ки ба ҷойи хабари ҳукми мабдаӣ омадааст, дар натиҷаи А. маҳдуд гаштааст. Яъне «Баъзе P – S аст» низ ҳақ мебошад. Пас маълум шуд, ки барои А.-и ҳукми умумии тасдиқӣ мавзӯъ ва хабарро бо якдигар иваз намуда, ба ҷойи сури (квантор) куллии ҳукми мабодӣ сури ҷузъиро гузоштан лозим аст. Ҳукми ҷузъии инкорӣ акснопазир мебошад.

Дар мантиқи антиқа ва асрҳои миёна ба А. диққати махсус медоданд. Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» дар баёни А. навиштааст: «Акс он бошад, ки маҳмул дар қазия мавзӯъ кунанд ва мавзӯъ маҳмул, чунонки салб ва эҷоб ва сидқ ва кизб бар ҳоли хеш бошад». Масъалаи тадқиқи А. нисбат

ба навъҳои гуногуни ҳукмҳо (ҳамлиёт, заруриёт, мумкинот, шартиёт ва ғ.) дар мероси мантиқии Ибни Сино, Котибии Қазвинӣ, Фахруддини Розӣ, Насируддини Тусӣ ва дигарон мавқеи босазо дорад. А.-ро дар мантиқи муосир дар ҷумлаи қоидаҳои мантиқӣ махсус зикр накунанд ҳам, он барои фаъолияти амалӣ ва эвристикии тафаккур нақши муҳим дорад.

Ад.: Ивлев Ю. В., Логика, М., 2004; Гетманова А. Д., Логика, М., 2006; Абуалӣ Ибни Сино, Ос., мунт., ҷ. I, 1980; Кириллов В. И., Старченко А. А., Логика, М., 2002. *Н. Сайфуллоев.*

АКС, чаппа, мухолиф, зид, вожгуна, баръакс, дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои лафзист. Яке аз хусусиятҳои А. дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои ду мисраи шеър чаппа ё баръакс гузошта шавад, мазмун тағйир намеёбад:

Равзаи ризвони ман – хоки сари кӯи дӯст,
Хоки сари кӯи дӯст – равзаи ризвони ман.
(*Ҳофиз*)

А. ду навъ аст:

1. А.-и мураттаб (ботартиб), агар шоир калимаҳои байтро аз рӯи тартиби муайян ё нисфи калимаҳои мисраъро чаппа гузорад, мисраи пурра ба вуҷуд меояд, яъне А. дар дохили як мисраъ ба вуҷуд меояд:

Бӯса надиҳад моро, моро надиҳад бӯса,
Ғамгин дили мо дорад, дорад дили мо ғамгин.
(*Унсурӣ*)

Инчунин, шоир рукнҳои мисраи аввали байтро иваз карда, аз онҳо мисраи дуюм месозад:

Шаби танҳой дили ман хун шуд,
Дили ман хун шуд шаби танҳой.
(*Айнӣ*)

2. А.-и мушавваш (ошуфта, парешон) чунон аст, ки баъзе калимаҳои мисраъро баръакс гузоред, ё даст нарасонед, мазмун тағйир намеёбад:

Он кас, ки туро харид, ё Раб, чӣ фурӯхт?
В-он кас ки туро фурӯхт, ё Раб, чӣ харид?

Баъзе муҳаққиқони каломи манзум санъати А.-ро тард (дур кардан, рондан) низ гуфтаанд, чунонки шоир мисраеро мутаррад (танҳо) овараду мисраи дуюмро А.-и он қарор диҳад:

Мадади Ҳаёт бодо, қадаҳе, ки нӯш кардӣ,
Қадаҳе, ки нӯш кардӣ, мадади Ҳаёт бодо.

Яке аз намунаҳои беҳтарини санъати А. ғазали Ҳофиз аст, ки бо байти

Дилбари ҷонони ман бурд дилу ҷони ман,
Бурд дилу ҷони ман дилбари ҷонони ман

оғоз ёфтааст.

Ад.: Тоиров У. ва диг., Каломи манзум, Д., 2005. *У. Тоиров.*

АКСБАРДОРИ́И ГРАВИМЕТРӢ, маҷмӯи ченкунии бузургиҳое, ки майдони ҷозиба (гравитатсионӣ)-и ягон маҳалро тавсиф медиҳанд. А. г. бо мақсадҳои геологӣ асосан бо ёрии *гравиметр*, баъзан бо *вариометр* ва *градиентометр* сурат мегирад. Аз рӯи таъйинот А. г.-ро ба минтақавӣ (барои омӯзиши шакли Замин ва таҳқиқоти геологии митақавӣ истифода мешавад) ва ҷузъӣ (барои омӯзиши аномалияҳои начандон калон, ки сохторҳои геологии алоҳида ва ҷисми маъдан ба вуҷуд овардаанд) ҷудо мекунанд. Аз рӯи усули гузарондан А. г. масоҳатӣ (нуқтаҳои мушоҳида дар масоҳат як хел ҷойгир мешаванд) ва соҳавӣ (сайрхатӣ, ки дар соҳа ва сайрхатҳои алоҳида ва дур воқеъгардида мегузаронанд) мешавад. Вобаста ба масъалаҳои геологии гузошташуда, шароитҳои гузарондани корҳои саҳроӣ ва усулҳои пешбинишудаи тафсир миқёси аксбардорӣ, зичӣ ва мавқеи мавзеи мушоҳида, муайян кардани хатоии аномалия ва ғ.-ро интихоб мекунанд. Барои таҳқиқоти геологию геофизикавии минтақавӣ А. г. бо миқёси 1 : 200000 – 500000 дар ҳолати ±2мГал (1 мГал=10^{-5}мс$^{-2}$) будани хатоии миёнаи квадратӣ ба амал оварда мешавад. Ҳангоми ҷустуҷӯи газу нефт ва омӯзиши ҷойгиршавии ангишт миқёси аксбардорӣ 1 : 50000, саҳв ±0,2 мГал-ро ташкил медиҳад. Қисми муҳими А. г. корҳои топографию геодезӣ мебошад. Дар натиҷаи он дар бораи баландӣ, арзу тӯли нуқтаҳои гравиметрӣ ва релйефи маҳал маълумот ба даст оварда мешаванд, ки барои ворид намудани ислоҳҳои мувофиқ ба шитоби қувваи вазнинии мушоҳидашаванда имкон медиҳанд. Дар асоси маълумоти А. г. гравиметрия, тарҳҳо ва харитаҳое таҳия карда мешаванд, ки қисми аномалии майдони ҷозибаи Заминро инъикос мекунанд.

АКСБАРДОРИ́И КАЙҲОНӢ, аксбардории Замин ё дигар ҷирми осмонӣ аз аппарати париши кайҳонӣ, аксбардорӣ дар фосилаҳои гуногуни тайф, мас., дар фосилаи намоёни тайф, мавҷҳои инфрасурх ва радиомавҷҳо. А. к. якминтақавӣ ва бисёрминтақавӣ мешавад. Одатан, дар як вақт дар якчанд минтақаи тайф акс мебардоранд. Дар ин маврид аксбардорӣ бисёрминтақавӣ мешавад, яъне акси ҳамон як ҷирм дар фосилаҳои гуногуни мавҷ гирифта мешавад. Аксбардории муқаррарии сиёҳу сафед ё навори телевизиониро аксбардории якминтақавӣ номидан мумкин аст. Дар ин маврид тачҳизот афканишотро аз объекти аксбардорӣ дар як минтақаи васеи тайф ба қайд мегирад. Аксар вақт аксбардорӣ дар минтақаи намоёни тайф ба амал оварда мешавад. Барои гирифтани маълумоти пурра аксро ба намуди ранга мебардоранд. Дар ин маврид дурахшонии объект дар се минтақаи тайфи намоён: кабуд, сабз, сурх қабул карда мешавад. Аксбардории бисёрминтақавӣ аз намудҳои зикршудаи аксбардорӣ хеле беҳтар аст. Барои А. к. дастгоҳҳои суратгирӣ, тезевизионӣ, тачҳизоти сканеркунанда, радиолокаторҳо ва дигар тачҳизотро истифода мебаранд. Феълан барои аксбардории бисёрминтақавӣ фотоаппарати кайҳонии «МКФ-6М» истифода мегардад (тачҳизоти мураккаби аксбардорӣ, ки мутахассисони Германия ва Россия сохтаанд). Он аз тачҳизоти мураккаби суратгирии оптикию электронӣ иборат буда, 175 кг вазн дорад. Барои ҳар як соҳаи хоҷагии халқ паҳнии (диапазон) хосро интихоб мекунанд. А. к.-ро барои таҳқиқоти атмосфераи Замин, омӯзиши тағйирёбии иқлим (обшавии пиряхҳо), уқёнусҳо ва ғ. истифода мебаранд.

АКСЕЛЕРА́ТСИЯ (аз лот. acceleratio – тез шудан), қадкашӣ ва рушди ҷисмонии босуръати бачагон ва наврасон. Бачагон ва наврасони имрӯза назар ба ҳамсолони солҳои пешини худ то андозае қадбаланд ва калонҷусса (вазнинтар) мебошанд. А. дар балоғати нисбатан бармаҳали ҷинсӣ низ мушоҳида мешавад. Мас., синни миёнае, ки дар он духтарон ҳайз мебинанд, сол ба сол кам шудааст. А.-и қадкашӣ ва инкишоф ҳамаҷоя ба назар мерасад, вале суръати он гуногун мебошад. А. дар шаҳрҳои калон нисбатан бештар, дар шаҳрҳои хурд ва деҳот камтар дучор меояд. Дар баробари рушди бошитоби ҷисмонӣ инкишофи босуръати баъзе фаъолиятҳои организм низ ба назар мерасад. Суръати кори дил, бузургии фишори шараён ва нерӯи мушакҳо тез ба дараҷаи калонсолон баробар мешавад, нутқ инкишоф меёбад. Вале ин ҳама маънои балоғати бармаҳали умумии наврасонро надорад. Аксуламали наврасони с-ҳои 2000-ум, ки нисбатан қадбаланд ва болиғ мебошанд, ба таъсири муҳит аз аксуламали ҳамсолони с-ҳои 90 а. 20-и худ фарқ надорад ва тасдиқи ақидае, ки гӯё баробари рушди ҷисмонӣ инкишофи рӯҳии бачагон ҳам авҷ мегирад, беасос аст. Ин ҷо сабаб фақат дар огоҳии бештар доштани бачагон ва наврасони айёми мо мебошад. Оид ба сабабҳои А. фарзияҳои гуногун пешниҳод шудаанд, мас.,

таъсири нисбатан бошиддати нури офтоб, беҳтар шудани тағзия, таъсири тағйироти электромагнитӣ ва афканишоти иондор ва ғ. Бархе аз олимон сабабҳои А.-ро дар урбанизатсия (баланд шудани мақоми шаҳрҳо дар пешрафти ҷамъият) ва фаровон будани ангезаҳои гуногун, аз ҷумла радио, кино, телевизион, гурӯҳи дигар дар кам шудани беморихои кӯдакон (махсусан дар хурдсолӣ) медонанд. Ақидаҳо дар бораи ба ҳолати тандурустии бачагон ва наврасон таъсир расондани А. мухталифанд. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки гӯё А. таъсири бад дорад (яъне нисбатан пештар рух намудани баъзе бемориҳо, номутаносибӣ дар инкишофи фаъолиятҳои ҷудогонаи организми наврасон ва ғ.). Вале далелҳои мазкур бисёр вақт тасдиқ намешаванд, ё тасдиқ шаванд ҳам, ба А. вобаста нестанд. Даъвоҳо дар бораи таъсири мусбати А. ба тандурустии насли наврас низ ба дараҷаи кофӣ эътимод надоранд.

Ад.: Дубровская Н. В., Психофизиология ребенка, М., 2000; Обреимова Н. И., Петрухин А. С., Основы анатомии, физиологии и гигиены детей и подростков, М., 2000; Сапин М. Р., Брыксина З. Г., Анатомия, физиология детей и подростков, М., 2000.

Ш. Анварова.

АКСЕ́ЛРОД Ҷулиус (30. 5. 1912, Нию-Ёрк – 29. 12. 2004, Роквилл, Мэриленд), биохимик ва фармакологи америкоӣ, узви Академияи санъат ва илми Америка (1971), Академияи миллии илмҳои ШМА (1971), узви хориҷии Ҷамъияти шоҳигарии Лондон (1979). Хатмкардаи Сити-Коллеҷи Нию-Ёрк. Соли 1933 унвони бакалаврро соҳиб гашт. Дар кафедраҳои Донишгоҳи Нию-Ёрк фаъолият кардааст. Соли 1941 унвони магистрро гирифт. Корманди шӯъбаи тадқиқоти илмии госпитали Донишгоҳи Нию-Ёрк (1941 – 46), Ин-ти миллии кардиологии штати Мэриленд (1946 – 49). Роҳбари шӯъбаи фармакологияи лабораторияи ҳамин институт (аз 1955). А. оид ба масъалаҳои ошкор сохтани тарзи таъсири дорухои рӯҳгиро (психотропӣ), ки барои муолиҷаи шизофрения, девонаавзоӣ ва афсурдарӯҳӣ истифода мешаванд, пажӯҳишҳо анҷом додааст. Ӯ исбот намуд, ки кокаин ва резентин дар мубодилаи катехоламинҳо ширкат варзида, басомад ва миқдори медиаторро дар ҳубобчаҳо тағйир медиҳанд. Мавзӯи тадқиқоти с- ҳои 60-уми А. таъсири медиаторҳоро ба ҳосилшавии гормонҳо дар бар мегирифт. Соли 1970 барои кашфи ноқилони хаттӣ дар нӯги торҳои асаб ва тариқаи нигоҳдошт, ихроҷ ва нофаъолсозии онҳо сазовори Мукофоти Нобел (ҳамроҳи Кас Бернард ва Эйлер Улф Фон) гардидааст.

АКСЕ́НТ (лот. accentus – зада), дар забоншиносӣ ба се маъно корбаст мешавад: 1) ба маънои *зада* бо воситаҳои гуногуни савтӣ (фонетикӣ), мас., баланд кардани оҳанги талаффуз, фарқ кунондани ҳиҷое дар калима ва ё таркибҳо; 2) талаффузи ғайримуқаррарӣ, лаҳни гуфтор, ки дар гуфтори бегоназабонҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳангоми ба забони ғайр сухан рондан вобаста ба бунёди артикулятсионӣ задаи калима нодуруст гузошта ва талаффуз мешавад. Дар ин маврид шахси ба забони дигар суханкунанда овозҳоеро, ки талаффузашон барояш душвор аст, ба забони модарии худ мувофиқ, наздик менамояд ва сухан мекунад. Азбаски унсурҳои ташкилдиҳандаи зада дар забонҳои гуногун фарқ доранд, нутқи ӯ ба гӯш ғайритабиӣ мерасад; 3) аломати диакритикии фавқонӣ, ки дар болои ҳарфи садодори калима барои нишон додани талаффузи дурусти он гузошта мешавад: пахта, зардолу, китоб, хома ва ғ. *С. Курбонов.*

АКСЕ́НТ (лот. accentus – зада), заданок ва пурқувват сароидан ё навохтани садоҳои мусиқӣ. Зада танҳо дар натиҷаи пурқувват гардондани овоз ҳосил мегардад. Бо навбат ва пайиҳам омадани ҳиссаҳои пурқувват (заданок) ва сусти (безада) тақтеъро задаи вазндор меноманд. Нотаҳои заданок, одатан, дар қисми пурқуввати тақтеъ ҷойгиранд. Тақтеъ ҳамчун муайянкунандаи ҳиссаҳои заданок ва безада ох. а. 16 дар назарияи мусиқӣ мавқеъ пайдо кард. Шаклёбии тақтеъ бо мусиқии рақсӣ алоқаманд аст. Барои фораму хушобуранг гардондани оҳанг ҳар кадом овози дилхоҳи тақтеъро заданок навохтан мумкин аст. Мас., бо роҳи аз ҳиссаи пурқуввати тақтеъ кӯчондани овози вазндори устувор ба ҳиссаи сусти тақтеъ (синкопа). Задаи мусиқӣ дар нотанависӣ бо аломатҳои шартӣ ба таври зайл тасвир мешаванд: > ,, sf ва ғ. *Ш. Ҳабибов.*

АКСЕНТУА́ТСИЯИ ХАРА́КТЕР (аз лот. accentus – зада), ифроти хислат, аз маҷмӯи хислатҳои инсон аз ҳад зиёд тақвият ёфтани (ҷудо шудани) ягон ҷиҳати хислати ӯ, ки вайро аз бисёр одамони атроф фарқ мекунонад. А. х.-ро рафтори махсуси шахс дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт муайян менамояд. А. х. пурзӯршавии хислати алоҳидаи одам аст, ки дар рӯҳу рафтори шахс ноҷӯриҳоро ба вуҷуд меоварад. Шаклҳои зерини А. х.-ро фарқ мекунанд: даврӣ – вобаста ба шароити муҳити беруна зуд тағйир ёфтани ҳолати рӯҳӣ; бемадорӣ – пуризтиробӣ, беғайратӣ, зуд хасташавӣ, зудранҷӣ, майл ба рӯҳафтодагӣ; тарсончакӣ – буздилӣ, шармгинӣ, худро бекадр ҳис кардан; маҷзубӣ – канораҷӯӣ, мардумгурезӣ, душвории барқарорнамоии муносибат, беилтифотӣ, набудани тараҳҳум; девонаавзоӣ – бадҷаҳлии зиёд, устувории ҷунун, зудранҷӣ, бадгумонӣ, шӯҳратпарастии аз ҳад зиёд; саръӣ (эпилептоидӣ) – худро идора карда натавонистан, ҳардамхаёлӣ, бетоқатӣ, ҷангҷӯӣ, сергапӣ, расмиятпарастӣ (хӯрдагирӣ); намоишкорона –зоҳиршавии майли аз худ дур кардани воқеаю ҳодисаҳои ноҳуш, майл ба дурӯғгӯӣ, моҷароҷӯӣ, мағрурӣ, ҳангоми қонеъ нашудани талаботҳо худро «ба беморӣ задан»; васвосӣ – доимо хушҳол будан, меҳнатдӯстӣ бо тамоюли партофта рафтан ва ба охир нарасондани кор, хушчақчақии аз ҳад зиёд (номураттабии фикр); афсурдаҳолӣ (маъюсӣ) – ҷиддияти аз ҳад зиёд, масъулиятшиносӣ, таваҷҷӯҳ ба ҷиҳатҳои сахт ва ғамангези ҳаёт, майл ба рӯҳафтодагӣ, камфаъолиятӣ; ноустувор – майли зуд зери таъсири атрофиён мондан, пайваста дар ҷустуҷӯи таассурот ва рафиқони нав будан, зуд алоқа пайдо карда тавонистан, вале хусусияти лаҳзавӣ доштани он. А. х.-ро вобаста ба дараҷаи зоҳиршавӣ ба кушода ва пӯшида ҷудо мекунанд. Онҳо зери таъсири омилҳои гуногун (тарбияи оилавӣ, муҳити иҷтимоӣ, касбу кор, солимии ҷисм ва ғ.) ягдигарро иваз карда метавонанд. А. х. ҳамчун ҳолати муваққатии рӯҳӣ бештар дар наврасон ба назар мерасад ва баробари калон шудани онҳо тадриҷан барҳам хӯрда, на дар ҳамаи ҳолатҳо, балки фақат дар ҳолатҳои мураккаби рӯҳӣ зоҳир мешавад. А. х. барои инкишофи таассуроти пуризтироби шадид, ҷунун, ихтилоли паталогии рафтор заминаи мусоид шуда метавонад. Баҳисобгирии А. х. барои корбурди муносибати фардӣ дар тарбияи кӯдакон ва наврасон, интихоби шаклҳои комилан мувофиқи равонпизишкии фардӣ ва оилавӣ зарур аст. А. х. ба тавассути усулҳои гуногуни психологӣ ташхис карда мешавад.

АКСЕ́ПТ (аз лот. acceptus – қабулшуда, тартиби маъмул), 1) дар ҳуқуқи шахрвандӣ мувофиқат барои тартиби маъмули ақди қарордод


мутобиқи пешниҳоди (офертавӣ – пешниҳоди аҳди қарордод.Ниг. низ *Оферта*) тарафи дигар. Яке аз марҳалаҳои бастани шартнома ё қарордод. Ризоият оид ба қабул кардани пешниҳодҳои тарафи дигар дар мавриди бастани шартнома. Ин розигӣ мумкин аст бевосита ҳангоми аҳду паймон ба тарзи хаттӣ, ё ба тавассути барқия, факс, почтаи электронӣ ва ё шифоҳӣ ифода ёбад. Ҳамчунин сукут низ дар ин маврид аломати ризоият маҳсуб мешавад. А. набояд қисман, нопурра ё бо қайду шарҳ тавзеҳ ифода ёбад. Ҳар навъи пешниҳод дар шакли илова, тавзеҳот ё тағйир қобили қабул нест. 2) Ӯҳдадорӣ ва ризоияти пардохт тибқи вексел аз рӯи мӯҳлати дар ҳуҷҷатҳои пардохтӣ нишондодашуда. 3) Яке аз шаклҳои пардохти ғайринақдӣ ба тавассути муассисаҳои қарздиҳанда.

АКСЕ́ПТОР (аз лот. acceptor – қабулкунанда), нуқси панҷараи кристаллӣ дар нимноқилҳо, ки электронро аз минтақаи электронӣ мерабояд ва ҳамин тариқ дар он сӯрохиҳо ба вуҷуд меоварад. Одатан, А. гуфта атомеро меноманд, ки валентнокиаш нисбат ба атоми моддаи асосӣ хурдтар мебошад. Мас., дар германий А. атомҳои B, Al, Ga, In, Tl мебошанд.

АКСЁНОВ Вячеслав Сергеевич (тав. 28. 8. 1944, ш. Зубакино, вил. Костромаи Федератсияи Россия), химик, доктори илми химия (1995). Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоз. Санкт-Петербург; 1967). Солҳои 1970 – 81 ходими илмӣ ва ходими калони илмии Донишкадаи химияи нефти ш. Томск, 1981 – 97 ходими калони илмӣ ва мудири лабораторияи Ин-ти химияи АИ ҶТ буд. Фаъолияти минбаъдааш дар муассисаҳои илмии Россия ҷараён гирифтааст. Рочеъ ба химияи пайвастҳои гетеросиклӣ, синтез ва истифодаи амалии феромонҳои зидди ҳашароти зараррасони зироат, хусусан пахта пажӯҳиш анҷом додааст.

Ос.: Гетероатомные компоненты нефти, М., 1981; Синтез и свойство ароматических гетероциклических соединений, Д., 1996.

А́КСИ ОИНАВӢ, дар физика табдили фазо нисбат ба ҳамвории α аст, ки ба нуқтаи *P*-и ҳамвории α нуқтаи *P*-и тарафи дигари α мувофиқ меояд, яъне ҳамвории α ба порчаи *PP´* амудӣ шуда, аз миёнаи он мегузарад. А. о. нуқтаҳои ҳамвории α-ро беҳаракат мегардонад (расми 1). А. о.-и рӯшноӣ бо робитаи муайяни шуои афтанда ва инъикосшуда фарқ мекунад: 1) шуои инъикосшуда дар ҳамворие, ки аз он шуои афтанда мегузарад, ҷойгир буда, ба сатҳи инъикоскунанда амудӣ аст; 2) кунҷи инъикос ба кунҷи афтиши шуоъ баробар мебошад. Интенсивияти рӯшноии инъикосшуда (ки бо коэф. инъикос тавсиф дода мешавад) ба кунҷ ва қутбиши дастаи шуои афтанда, инчунин таносуби нишондиҳандаҳои шикасти муҳити 1-ум ва 2-юм (n_1 ва n_2) вобаста аст. Ин вобастагиро аз ҷиҳати миқдор (барои муҳити инъикоскунанда – диэлектрик) формулаҳои Френел ифода мекунанд. Аз ин формулаҳо бармеояд, ки ҳангоми ба таври амудӣ ба ҳамворӣ афтидани рушноӣ коэф. инъикос ба қутбнокшавии дастаи шуои афтанда вобаста набуда, ба $(n_2 - n_1)^2 / (n_2 + n_1)^2$ баробар аст.



А. о. ё симметрияи оинавӣ дар геометрия ҳаракати фазои евклидӣ мебошад, ки маҷмӯи нуқтаҳои беҳаракаташ гиперҳамвориро ташкил медиҳанд (дар ҳолати фазои сечена – ҳамвории одӣ). Ниг. *Симметрия*.

АКСИ́З (фран. accise, аз лот. accido – мебурам), андози изофа (иловаандоз), навъи андози ғайримустақим, ки аз молҳои сермасраф ва маводи истеъмоли умум (мас., намак, қанд, чой, маҳсулоти тамоку) ва ё намуди хизматрасонӣ ситонда мешавад. Ниг. низ *Андоз*.


АКСИНҶО́Т, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қирққудуқи ноҳ. Ашт. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Шайдон 39 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 224 нафар (2009), асосан ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ. Заминҳо аз сойи Аксинҷот обёрӣ мешаванд.

АКСИО́МА (юн. axioma – ҳукми қабулшуда, аз axioo – қобили қабул меҳисобам), мусаллама, муқаррароте, ки дар чорчӯбаи назария ё консепсияи муайян бе исбот қабул карда мешавад ва минбаъд барои исботи муқаррароти дигари ин назария ё консепсия ба сифати асос хизмат мекунад. Одатан, ба сифати А. чунин муҳокимаҳои назарияи тадқиқшавандаро интихоб мекунанд, ки ё ҳақиқати маҳзанд, ё дар доираи назарияи мазкур ҳаққанд. Истилоҳи А. дар Юнони Қадим ба вуҷуд омада, бори нахуст дар асарҳои Арасту вомехӯрад, Минбаъд ба воситаи асарҳои пайравони Уқлидус (Евклид) устуворона ба геометрия ворид шудааст. Дар асрҳои миёна ҳукмронии фалсафаи Арасту боиси ба соҳаҳои дигари илм ва ҳаёти ҳамарӯза ворид гардидани ин истилоҳ гардид. Бо истилоҳи «аксиома» муқаррароте ишора мекардагӣ шуданд, ки бинобар возеҳу равшан буданашон ба ҳеҷ гуна исбот ниёз надоранд. Моҳияти ин возеҳиятро бино ба ақидаи Афлотун, дар фитрӣ будани ҳақиқатҳои асосӣ (монанди А.-ҳои математикӣ) медиданд. Тадқиқоти *Кант* дар бораи априорӣ будани А.-ҳои математикӣ (яъне онҳо нисбат ба ҳама гуна таҷриба муқаддам буда, ба он вобаста нестанд) ба чунин ақидаҳо оид буд. Маҳз таҷрибаи бисёрасраи инсоният, амалия ва инкишофи илм возеҳияти А.-ро собит кард ва ҳамчун ҳақиқат ба исбот ҳоҷат надорад. Тасдиқот дар асоси А. *теорема* номида мешавад. Шартан А. низ ба гурӯҳи теоремаҳо дохил мешавад. Мисолҳои гуногун, вале баробарқуввааи А.-ҳоро дар *мантиқи математикӣ* ва *геометрияи Уқлидус* вохӯрдан мумкин аст. А.-ҳо ҳамчун «нуқтаи сарҳисоб» барои бунёди илми дилхоҳ истифода мешаванд, дар айни замон исбот карда намешаванд, балки бевосита аз мушоҳидаи таҷрибавӣ бармеоянд.

АКСО́Н (аз юн. axon – меҳвар), нейрит, шохаи ҳуҷайраи асаб, ки ба воситаи он импулсҳои асаб аз ҳуҷайра ба узвҳо ва дигар ҳуҷайраҳои асаб паҳн мешаванд. Аз ҳар ҳуҷайраи асаб (нейрон) фақат як А. мебарояд. Ғизогирӣ ва нумӯи А. аз ҷисми нейрон вобаста аст: ҳангоми буридани А. қисми канораи он нобуд гашта, қисми марказиаш фаъол боқӣ мемонад. Дар мавриди якчанд мкм будани диаметри А. дарозии он дар ҳайвоноти калон (мас., А.-е, ки аз нейронҳои ҳароммағз ба по меравад) ба зиёда аз 1 м мерасад. Дар баъзе ҷонварон (мас., моҳӣ) А. хеле калон (ғафсиаш садҳо мкм) мешавад. Дар протоплазмаи А. (аксоплазма) торҳои тунук – нейрофибрилҳо, инчунин митохондрия ва тӯри эндоплазмавӣ мавҷуданд. Сохтори ҷилд ва диаметри А., ки торҳои асабро ташкил медиҳанд, суръати ба воситаи асаб гузарондани ангезишро муайян месозанд. Интиҳои А. (терминалҳо) шоха

ронда, ба асабҳои дигар (мас., асаби мушакҳо) алоқа менамояд. Ба воситаи чунин алоқа (синапсҳо) ангезиш интиқол меёбад. Маҷмӯи А.-ҳоро асаб меноманд.


АКСОНОМЕ́ТРИЯ (аз *аксон* ва *метрия*), фасли геометрияи тасвирӣ, ки инъикоси шаклҳои геометриявиро якҷоя бо системаи координатаҳо (ҳамвориҳои байнан амудии $П_1$, $П_2$ ва $П_3$) меомӯзад. Барои сохтани проексияҳои аксонометрӣ, ягон шаклро (мас., бисёррӯяи Ф) якҷоя бо системаи координатаҳо ба ҳамвории аксонометрии $П^1$, ки ба меҳварҳои аслӣ (*x, y, z*) моил мебошад, проексия мекунанд (ниг. *Геометрияи тасвирӣ*). Дар ҳамвории $П^1$ проексияи аксонометрӣ ё мухтасар А.-и бисёррӯя пайдо мешавад, ки дар он ҳамаи теғаю рӯяҳои шакл бо таҳриф инъикос ёфта, дар бораи шакли ҳаҷмдор ва сечена будани ашё тасаввуроти пурра медиҳад (расми 1).



Расми 1.

Проексияҳои аксонометриро вобаста ба самти проексиясозӣ ба марказӣ ва мувозӣ (параллелӣ) ҷудо мекунанд. Агар шуоъҳои проексиякунанда ба ҳамвории $П^1$ амудӣ бошанд, проексияҳои мувозиро ортогоналӣ (росткунҷа) меноманд. Вобаста ба тамоюли ҳамвории аксонометрӣ $П^1$ ба меҳварҳои аслӣ *x, y* ва *z* А.-ро ба изометрӣ (нишондиҳандаҳои таҳриф дар ҳамаи се меҳвар баробаранд: *m=n=k*), диметрӣ (агар нишондиҳанда дар яке аз меҳварҳо дигар, одатан n/2 бошад) ва диметрияи фронталӣ (агар $П^1$ ба ҳамвории $П_2$ мувозӣ бошад), ҷудо мекунанд (расми 2).

Баъзе ороишҳои китобҳои адибони адабиёти классикии форсу тоҷик



Расми 2.

Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва ҳуҷҷатҳои сулолаи темуриён ба проексияҳои диметрии фронталӣ хеле наздиканд (мас., айвонча дар «Гулистон»-и Саъдӣ). *Т. Ҷӯраев.*

АКСУЛАМА́Л, вокуниш, дар психология, амали ҷавобии организм ба таъсири муайян; ҳаракати ихтиёрӣ дар ҷавоб ба сигнали расида. Зарурати тадқиқоти А.-и ихтиёрӣ баъди он пайдо шуд, ки астрономҳо ҳангоми аз меридиан гузаштани ситораҳо мухталиф будани нишондодҳоро муайян намуданд. Ф. Бессел, ки ин зуҳуроти нодирро кафш намудааст, таҷриба гузаронда (1823), вақти А.-и инсонро ба ангезаҳо чен кард. Ченкунии суръат, шиддатнокӣ, шаклҳои зуҳуроти А. психометряро ба соҳаи махсуси психология, ки дорои усулҳои махсуси тадқиқот – усули А. аст, табдил дод. (Ф. Дондерс, Дания; В. Вундт, Л. Ланге, Н. Н. Ланге). Дар психологияи замони шӯравӣ бо омӯзиши А.-ҳо К. Н. Корнилов (асосгузори аксуламалшиносӣ) машғул буд. Ду навъи асосии А.-ро ҷудо мекунанд: сода ва мураккаб: А.-и сода вақте ба амал меояд, ки инсон ба сигнали қаблан шинос дарҳол бо ҳаракат ҷавоб медиҳад (А.-и ҳаракатӣ ва сенсорӣ). А.-и мураккаб ҳамон аст, ки ҳангоми ногаҳон расондани сигналҳои гуногун инсон танҳо ба яке аз онҳо (А.-и фарққунанда) ё ба ҳамаи онҳо, лекин бо ҳаракатҳои мухталиф (А.-и интихобӣ) ҷавоб медиҳад. Омӯзиши А. имконият дод, ки як қатор қонуниятҳо барои психологияи амалӣ ташаккул ёбанд, мас. қонуни Хика: бо зиёд шудани адади ангезаҳои барои фарққунӣ пешниҳодшаванда вақти А. меафзояд.

АКСУЛАМА́ЛИ ВА́ССЕРМАН, яке аз усулҳои ташхиси бемории *сифилис*. Ба номи иммунологи немис Август Вассерман гузошта шудааст. А. В. дар мавриди сифилиси аввалин (дар ҳафтаҳои 6 – 8-уми беморӣ) дар 90 ва дар аснои сифилиси дуюмин дар 98 – 100 фоизи ҳолатҳо мусбат падид меояд. А. В. якҷоя бо дигар аксуламалҳои серологӣ (РПГА, ИФА, РИФ) на фақат барои ошкор сохтани ангезандаи беморӣ, балки баҳри муқаррар намудани мӯҳлати тақрибии сироят ёфтан низ имкон медиҳад. Дар мавриди А. В. маводи ташхисӣ хунест, ки аз варид гирифта мешавад. А. В. ҳамчунин имкон дорад, ки дар одамони гирифтори бемориҳои сил, сили пӯст, бемории хун, ҳомилагӣ низ ба таври мусбат падид ояд. Дар ин гуна ҳолатҳо аз дигар усулҳои ташхис (РПГА, ИФА, РИФ) истифода мебаранд. Феълан дар амал ба ҷойи А. В. бештар аксуламали микропресипитатсия кор фармуда мешавад.

АКСУЛҶАРАЁНҲОИ БАЙНИПАССАТӢ, ҷараёнҳои сатҳии баҳрӣ дар арзҳои назди экватории Уқёнуси Атлантика, Уқёнуси Ором ва Уқёнуси Ҳинд (А. экваториалӣ). То чуқурии 300 м мушоҳида мешавад. Самти ҳаракати А. б. ба Ғ. ва Ш., суръати миёнаи онҳо 20 – 80 см/с, суръати калонтарин – 190 см/с. Сарфи об 40 – 60 млн $м^3$/с -ро ташкил медиҳад (дар қисми ғарбии Уқёнуси Ором). А. б. -и Уқёнуси Ором доимӣ ва дар уқёнусҳои дигар мавсимӣ мебошанд. А. б.-и Уқёнуси Ором тамоми сол байни 2° ва 12° а. ш., Уқёнуси Атлантика дар тобистон байни 3° ва 10° а. ш., Уқёнуси Ҳинд дар зимистон байни 2° ва 10° а. ҷ. зоҳир мегарданд.

АКСУЛҶАРАЁНҲОИ ЭКВАТОРИАЛӢ, ниг. *Аксулҷараёнҳои байнипассатӣ*.

АКТ (аз лот. actus – парда), 1) қисми ба поён расидани асари драмавӣ ё намоиши театрӣ. Дар театр А.-ро, одатан, ба танаффусҳо (антрактҳо) тақсим мекунанд. А.-ро боз ба қисмҳои нисбатан хурдтар (эпизод, саҳна, намоиш) тақсим кардан мумкин аст. Дар театри Рими Қадим спектаклҳо ба 5 А. тақсим мешуданд. Ин тақсимот баъдтар ба драматургияи даврои Эҳё ва класситсизми Европа гузашт. Спектаклҳои даврaҳои минбаъда аз 1 то 5 А. доранд. Дар театрҳои кишварҳои Шарқ (Хитой, Япония, Ҳиндустон, Эрон ва ғ.) пйесаҳо то 10 А. доранд; 2) дар Англия мусиқии байни қисмҳои алоҳидаи пйесаро ҳам А. меноманд. Ниг. низ *Парда*.

АКТ (аз лот. actus – амал, ҳаракат, actum – ҳуҷҷат, санад), 1) рафтору кирдор, амал. 2) Ҳуҷҷат, санади расмӣ, протокол. А.-и ҳуқуқӣ – асноди гуногун, ки ба асоси муайянкардаи қонун тартиб дода шуда дорои натиҷаҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Ба А.-ҳои ҳуқуқӣ А.-и маъмурӣ (аз тарафи мақомоти идораҳои давлатӣ дар ҳолати мушаххас қабул карда мешавад ва меъёри ҳуқуқиро ташкил намедиҳад, вале ин ё он муносибатҳои ҳуқуқиро ба миён меоварад , тағйир медиҳад ё қатъ менамояд), А.-и дипломатӣ (матни хаттӣ, ки аз тарафи мақомоти муносибатҳои хоричии як давлат ба ҳамин навъ мақомоти давлати дигар ирсол ё тақдим (супурда) мешавад, аз қабили *нота*, меморандум) ва А.-и

таърихӣ (яке аз муҳимтарин навъи маъхазҳои таърихии ҳуҷҷатгузорӣ, ки ба омӯзиши онҳо илми дипломатикаи таърихӣ машғул аст) дохил мешаванд.

АКТЕ́Д (ACTED), Агентии ҳамкориҳои техникӣ ва рушд, ташкилоти ҷамъиятии ғайриҳукуматию ғайритиҷоратии Франсия. Дар Тоҷикистон аз с. 1996 фаъолият дорад. Мақоми олии роҳбарикунандааш Маҷлиси умумии шӯрои директорон. А. фаъолияти худро дар Тоҷикистон дар самтҳои зерин ба роҳ мондааст: ҳифзи саломатӣ – ҳалли масоили оби ошомиданӣ, беҳдошти муҳити зист, барҳам додани варача, фарогирии аҳолӣ бо ситодҳои ҳифзи саломатӣ; бахши иқтисодӣ – дастгирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои ба инкишофи хоҷагии қишлоқ ва беҳтар кардани вазъи соҳибкории хурд равонашуда; муҳоҷират – баланд бардоштани савияи ҳуқуқдониву вазифашиносии муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади беҳтар кардани будубоши онон; тайёрӣ ва омодагии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулода ба воситаи гузарондани семинарҳо, машқҳои махсус, нашри варақаву китобчаҳои ихторӣ; фарҳанг ва рушд – фаъолиятро дар ин самт маркази фарҳангии А. – «*Бактрия*» анҷом медиҳад. Маблағгузорони асосии А.: Комиссияи европоӣ, Бонки Рушди Осиё, SIDA, UNICEF. *М. Шарифзода.*

А́КТИ ТАСЛИ́МИ ГЕРМА́НИЯ, санади ҳуқуқие, ки оташбасро дар фронтҳои зидди Германия дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барқарор карда, аз ҷанг баромадан ва таслими онро тасдиқ мекунад. А. т. Г. ду маротиба имзо шудааст. А. т. Г.-и якум «Қарори муваққатӣ оид ба таслими Германия» ном дошта, онро намояндаи фармондеҳи олии Вермахт (Германия) – генерал–полковник А. Ёдл, намояндаи фармондеҳи олии Иттифоқчиёни Ғарбӣ (ШМА, Англия, Франсия ва ғ.) – генерал Б. Смит ва намояндаи СССР дар фармондеҳии олии иттифоқчиён – генерал–майор И. А. Суслопаров 7 майи 1945 соати 2-ву 41 дақ. (аз рӯи вақти миёнаи европоӣ) дар ш. Реймс (Франсия) имзо карданд. Санад дар 4 забон имзо шуда, санаи қонунӣ шуданаш (8 майи 1945) рӯзи Ғалаба дар Европа эълон гардид. Шартҳои қарор ва худсарии генерал И. А. Суслопаров, ки ҷавоби Москваро интизор нашуда, онро имзо карда буд, И. В. Сталинро қонеъ накард. Сардори СССР фармон дод, ки маршал Г. К. Жуков таслими бечунучарои Германияро дар ш. Берлин аз намояндагони ҳамаи намудҳои қӯшуни фашистӣ қабул кунад. Азбаски ш. Берлин қариб тамоман хароб шуда буд, ин маросим дар ш. Карлсҳорст (наздикии Берлин) гузаронда шуд.



Маросими имзои Акти таслими Германия.

А. т. Г.-и дуюм «Акти таслими бечунучарои Германия» ном дошта, 9 майи 1945 соати 00-у 16 дақ. (аз рӯи вақти миёнаи европоӣ) имзо карда шуд. Онро аз ҷониби СССР маршал Г. К. Жуков, аз ҷониби Германия генерал-фелдмаршал В. Кейтел, генерал-полковник Г. Штумпф (Люфтваффе, қувваҳои ҳавоӣ), генерал-адмирал Г. фон Фридебург (Кригсмарине, қувваҳои баҳрӣ) ва аз ҷониби иттифоқчиён ҷонишини сарфармондеҳи қувваҳои экпедитсионии иттифоқӣ А. У. Теддер (Англия) имзо карданд. Ин рӯз дар СССР иди «Ғалаба» эълон карда шуд. СССР таслими Германияро қабул карда бошад ҳам, лекин расман 10 сол дар ҳолати ҷанг буд. Танҳо 25 янв. 1955 Укази Президиуми Совети Олии СССР қабул шуд, ки он ҳолати ҷангиро бекор кард. *М. Холов.*

А́КТИ ТАСЛИ́МИ ЯПО́НИЯ, санади ҳуқуқие, ки таслими Япония, ва анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷанг дар Укёнуси Ором ва ҷанги СССР ва Япониро қонунӣ гардонд. Пас аз ғалаба бар Германияи фашистӣ, 17 июл – 2 авг. 1945 дар қасри Сетсиленҳофи ш. Потсдам (20 км ҷанубу ғарбии Берлин) конференсияи сардорони се давлати абарқудрати иттифоқи зиддигитлерӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо мақсади муайян намудани сохтори баъдиҷангии Европа барпо шуд. 26 июли 1945 дар ин конференсия аз номи ҳукуматҳои Британияи Кабир, ШМА ва Хитой декларатсияи якҷояе қабул карда шуд, ки таслими бечунучарои Япониро дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ талаб ва равандҳои асосии танзими осоиштаро тасвия мекард. 28 июл ҳукумати Япония талаботи конференсияи Потсдамро инкор кард. 8 авг. 1945 СССР ба декларатсияи Потсдам ҳамроҳ шуда, ба Япония ҷанг эълон намуд ва амалиёти низомии хушкии худро оғоз кард. 6 ва 9 авг. ШМА ба ш-ҳои Хиросима ва Нагасаки бомбаи ядроӣ партофт. 10 авг. Япония оид ба қабули шартҳои конференсияи Потсдам бо эзоҳ нисбати нигоҳ доштани сохтори ҳокимияти императорӣ расман хабар дод. 14 авг. Япония пурра шартҳои конференсияи Потсдамро қабул намуд. Имзои расмии А. т. Я. 2 сент. 1945 дар соати 9-у 02 дақ. (бо вақти Токио) дар саҳни киштии ҳарбии «Миссурӣ» (ШМА) дар ҳаличи Токио баргузор гардид. А. т. Я.-ро аз ҷониби Япония вазири корҳои хориҷӣ Сигэмитсу Мамору ва сардори штаби генералӣ Умэдзу Ёсидизиро, сипас аз ҷониби мамлакатҳои иттифоқчӣ нахуст сарфармондеҳи қӯшунҳои иттифоқчиён генерали армия Д. Макартур (ШМА), сипас намояндагони мамлакатҳои иттифоқчӣ: – адмирал Ч. Нимис (ШМА), адмирал Б. Фразэр (Британияи Кабир), генерал-лейтенант К. Н. Деревянко (СССР) ва дигарон имзо карданд. 3 сент. 1945 дар СССР «Рӯзи ғалаба бар Япония» эълон карда шуд, вале ин ид чун «Иди Ғалаба» бар Германия фашистӣ (9 майи 1945) ба иди умумихалқӣ табдил наёфт. *М. Холов.*



Маросими имзои Акти таслими Япония.

А́КТИ ҲУҚӮҚИ ИСТИФОДА́ ЗАМИ́Н, ҳуҷҷати ҳуқуқии истифодаи замин. Замин моликияти истисноии давлат мебошад ва истифодаи он дар асоси иҷозатгирӣ сурат мегирад. Мувофиқи моддаи 17-и Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуҷҷатҳои зерин тасдиқ карда мешавад: а) ҳуқуқи бемӯҳлату мӯҳлатноки истифодаи замин ва ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи қитъаи замин дар асоси Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин; б) ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин – бо шартномаи иҷора; в) миқдори саҳми замин – бо Шаҳодатномаи саҳми замин. Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи исти-

фодаи замин аз тарафи Комитети давлатии заминсозии ҶТ ва мақомоти он дар маҳалҳо нисбат ба тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар истифодаашон қитъаҳои замин доранд, амалӣ мегардад.

Мувофиқи қарори Ҳукумати ҶТ № 29 аз 4 февр. 1999 «Дар бораи тартиби содакардашудаи ташаккул додан ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии замин» Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дар мақомоти давлатии заминсозии ҶТ дар маҳалҳо ба қайди давлатӣ гирифта, ба заминистифодабаранда дода мешавад. Қароре, ки ҳуқуқ оид ба заминро муқаррар мекунад, барои аз тарафи мақоми давлатии заминсозии ҶТ дода шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқ оид ба замин асоси ҳуқуқӣ мебошад. Асосҳои рад кардани бақайдгирии давлатии истифодаи замин чунинанд: а) набудани қарори мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия дар бораи додани замин; б) дар мақомоти бақайдгирандаи давлатии ҳуқуқи истифодаи замин мавҷуд будани ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷой доштани баҳсу мунозира оид ба мансубияти ҳамин қитъаи замин шаҳодат медиҳанд; в) худсарона тағйир додани таъйиноти мақсадноки қитъаи замин. Шартномаҳои иҷораи замин фақат дар Китоби давлатии бақайдгирии замин ба қайд гирифта мешаванд.

Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ аз вақти гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки аз қайди давлатӣ гузаштааст, оғоз меёбад. Барои истифодаи замин бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи он ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст (моддаи 148 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ҶТ). Ҳамчунин барои бақайдгирии ғайриқонунии замин ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст (моддаи 261 Кодекси ҷиноятии ҶТ). Асоси пайдоиши ҳуқуқи заминистифодабарӣ шартнома, васиятнома ва қарори суд низ шуда метавонад. Тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд. *Ш. Бадалов.*

АКТИ́В (лот. activus – фаъол), 1) дороӣ, пул, мол, даромад ва ашёи мавҷуда ва ё насиядодаи ягон муассиса; захираҳои аз фаъолияти пешинаи корхона ё ширкат ҳосилшуда, ки аз онҳо дар оянда ба даст овардани ягон манфиати иқтисодиро интизоранд; 2) яке аз ду тарафи тавозуни ҳисобдорӣ, ки дар он маблағу воситаҳои корхона (мувофиқи мавқеашон дар ҷараёни истеҳсол ё такрористеҳсол) нишон дода мешавад. Фаъолияти асосии корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар маблағгузориҳои ғайригардиширо низ А. меноманд. Мафҳуми А. инчунин дороии воситаҳои гардиши меъёрдор (захираҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти тайёр ва ғ.) ё воситаҳои гардиши бемеъёр (пул, молҳои ба харидор фиристодашуда, қарзи дебиторӣ ва ғ.) ва ё навъҳои дигари хароҷот (мас., хароҷоти як ферма нисбати саршумори умумии чорво)-ро ифода мекунад.

АКТИНИЙ (лот. Actinium), Ac, элементи химиявии радиоактиви гурӯҳи III ҷадвали даврии Менделеев, рақами ат. 89. Изотопҳои собит надорад. Соли 1899 олими франсавӣ А. Деборн ҳангоми тадқиқи партовҳои коркарди маъдани уран кашф кардааст. 10 изомери радиоактиви А. (массаи атомиашон аз 221 то 230) маълуманд. Изомери нисбатан собиташ ^{227}Ac (даври нимкоҳишаш $T^1/_2$ = 21,8 сол); β-нур (98,8%) ва α-нур (1,2%) мебарорад. Изотопҳои ^{227}Ac ва ^{228}Ac чун ҷузъи элементҳои радиоактив дар табиат дар маъданҳои уран ва торий дучор мешаванд. А. дар қишри замин хеле кам (6 • 10-^{10} фоизи массаи он) аст. А. металли сафеди нуқратоб аст; ҳарор. гуд. 1050 ± 50°C. Аз сабаби радиоактивияти баланд доштан дар торикӣ суст шуоъ мебарорад. Дар ҳавои нам бо пардаи сафеди оксид пӯшида мешавад. А. дар пайвастҳояш 3-валента аст. Қариб ҳамаи намакҳои А. сафед буда, дар маҳлул беранганд. А. ҳамаи пайвастҳои La (гидрооксид, фосфат, оксалат, карбонат, фторсиликат ва ғ.)-ро ҳосил мекунад. Гидрооксиди $Ac(OH)_3$ нисбат ба гидрооксиди La хосияти асосии бештар зоҳир менамояд. Хосияти химиявии А. ва лантан бо ҳамдигар наздиканд, бинобар ин аз манбаъҳои табиӣ дар шакли тоза ҷудо кардани А. хеле душвор аст. А. (^{227}Ac) бо миқдори хеле кам бо роҳи сунъӣ дар натиҷаи бо нейтронҳо нурборон кардани ^{226}Ra ҳосил карда мешавад. Омехтаи ^{227}Ac бо берилли барои ҳосил кардани манбаъҳои нейтронӣ истифода мегардад.

АКТИ́НИЯҲО (Actiniaria), анемонаҳои баҳрӣ, навъе аз ҳайвоноти рӯдаковоки баҳрӣ. А. танҳо, баъзан гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекунанд. Ҷисми А. устувонашакли халтамонанд буда, аз чанд мм то 1,5 м дароз мешавад. Дар қисми болои бадан сӯрохи даҳон мавҷуд аст, ки бо ҳассосакҳои тоҷгулмонанд фаро гирифта шудааст. Ранги А., одатан, кушод мебошад. Дар обҳои минтақаҳои тропикӣ



Намуди умумии актиния.

ва субтропикӣ сукунат доранд. Ҷонварони даранда буда, ҳайвоноти майда ва моҳичаҳоро мехӯранд; ғизои баъзе намудҳои А. лойқа аст. Тӯъмаро ба ҳассосакҳо дошта гирифта фалаҷ месозанд ё мекушанд; «тир»-и А. ҳо бо харчанги танҳогард ва дигар ҳайвонҳои бемӯҳра якҷоя (дар симбиоз) зиндагӣ мекунанд.

АКТИ́НО ... (аз юн. actis – шуоъ), қисми таркибии калимаҳои мураккаб буда, мансубияти онҳоро ба шуоъ, шуоъафканӣ, энергияи шуоъ ва ғ. ифода мекунад, мас., *актинометрия.*

АКТИНОБАТСИЛЛЁЗ (аз *актино*… ва лот. bacillus – батсилла), проактиномикоз, псевдоактиномикоз, як навъ касалии музмини сироятии ҳайвонот. А. бори аввал с. 1902 дар Аргентина ба қайд гирифта шудааст. Баъдтар он дар мамолики Европа, ШМА ва Африкаи Ҷанубӣ мушоҳида гашт. Ҳангоми А. дар бофтаҳои нарми сар (забон, лаб, рӯй), гардан, ғуддаҳои лимфавӣ ҷароҳати фасоднок пайдо мешавад. Ангезандаи А. Proactinomyces lignieresi буда, ба воситаи ҷойҳои зарардидаи бофтаҳо ва хӯрок ба организми ҳайвони солим ворид мегардад. Проактиномисетҳо дар табиат васеъ паҳн шудаанд. Онҳо дар хок, гарду чанг, растаниҳо, пӯсту луобпардаи ҳайвонот маскун мебошанд. Ба А. хукчаҳои баҳрӣ, харгӯш, сагу гурбаҳо, гов, гӯсфандон, хук гирифтор мегарданд. Дар баъзе мавридҳо ангезандаи А. ба узвҳои дарун низ зарар мерасонад. А. зимистон ё баҳор пайдо мешавад. Зарари иқтисодии А. зиёд нест. А.-и одам хеле кам дучор меояд. Муолиҷа: истифодаи йод, пенисиллин, окситетрасиклин ва ғ.

АКТИНО́ИДҲО́ (аз *актиний* ва юн. eidos – намуд, навъ), актинидҳо, 14 элементи химиявии даври 7-уми ҷадвали даврии Менделеев, ки баъди актиний ҷойгир шудаанд. Рақами ат. Z 90 – 103. Ба А. *торий* Th (Z = 90), *протактиний* Pa (91), *уран* U

(92), *нептуний* Np (93), *плутоний* Pu (94), *америтсий* Am (95), *кюрий* Cm (96), *берклий* Bk (97), *калифорний* Cf (98), *эйнштейний* Es (99), *фермий* Fm (100), *менделевий* Md (101), элементи № 102 ва *лоуренсий* Lr (103) мансубанд. Ҳамаи А. элементҳои радиоактив буда, изотопҳои устувор надоранд. Th, Pa ва U элементҳои радиоактиви табиӣ мебошанд. Онҳо аз дигар элементҳои ин гурӯҳ пештар кашф шудаанд. А.-и дигарро с-ҳои 1940 – 63 бо роҳи сунъӣ ҳосил кардаанд. Дар тадқиқи А. олими америкоӣ Сиборг Г. Т. саҳми арзанда гузоштааст. Бо роҳбарӣ ва иштироки ӯ 9 А. синтез карда шудаанд. Хосияти химиявии элементҳо асосан аз шумораи электронҳои қабати беруна ва андозаи радиуси атомӣ ва ионӣ вобаста аст. Аз ин сабаб хосияти А. бо ҳамдигар наздик мебошад. Бо вуҷуди ин табиати химиявии онҳо шабеҳи лантаноидҳост. А. дар пайвастҳои худ дорои чунин валентҳо мебошанд: Th (3, 4), Pa (3, 4, 5), U (3, 4, 5, 6), Np (3, 4, 5, 6, 7), Pu (3, 4, 5, 6, 7), Am (3, 4, 5, 6), Cm (3, 4), Bk (3, 4), Cf (2, 3), Es (3), Fm (3), Md (2, 3), Эл. № 102 (2, 3). Ҳамин тавр, валентнокии 3 фақат барои А.-и баъди Am ҷойгирифта хос аст. Се намояндаи аввали А. (Th, Pa, U) дар пайвастҳои худ мувофиқан 4, 5, 6-валентаанд, зеро ба ядро наздик будани энергияи алоқаи 5 f ва 6 d-электронҳо дар Th, Pa ва U далели он аст, ки f-электронҳои қабати 5-ум низ электронҳои валентӣ шуда метавонанд. Аз ин лиҳоз валентнокии 3 барои элементҳои мазкур хос нест; бисёр аломатҳои онҳо ба элементҳои гурӯҳҳои IV, V ва VI шабоҳат доранд (онҳо то дер ба ин гурӯҳҳо ҷой дода шуда буданд). Авв. с-ҳои 40 а. 20 ақидае роиҷ буд, ки *элементҳои моварои уран* Np ва Pu мувофиқан ба гурӯҳҳои VII ва VIII-и – системаи даврӣ ё аз рӯи аломатҳои ба U шабоҳат доштаашон якҷоя бо U дар гурӯҳи VI ҷой дода шаванд. Сиборг Г. Т. зимни таҳлили тағйирёбии хосияти химиявии элементҳои даври 7 (хусусан кашфи А.-и паси Pu), инчунин таҳқиқи аломатҳои тавсифии кристаллографӣ, спектроскопӣ ва магнитии пайвастҳои элементҳои паси Ac ва лантаноидҳо ба хулоса омад, ки элементҳои моварои уран чун аналоги актиний ҳисобида шаванд. Дар натиҷа фарзияе оид ба мавҷуд будани гурӯҳи А. ба вуҷуд омада, баҳри кашфи Am, Cm ва А.-и баъдӣ мусоидат намуд, зеро валентнокии хоси ин элементҳо ба 3 баробар аст. Бинобар наздик будани хосияти химиявии А. онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан душвор аст. Бо ин мақсад усули хроматографияи мубодилаи иониро истифода мебаранд.

Конфигуратсияи электронии атоми актиноидҳо

Элемент	Шумораи электронҳо дар баъзе зердараҷаҳо		
	Қабати 5-ум	Қабати 6-ум	Қабати 7-ум
	S P D F	S P D	S
Th	2 6 10 0	2 6 2	2
Pa	2 6 10 2	2 6 1	2
U	2 6 10 3	2 6 1	2
Np	2 6 10 4	2 6 1	2
Pu	2 6 10 6	2 6 0	2
Am	2 6 10 7	2 6 0	2
Cm	2 6 10 7	2 6 1	2
Bk	2 6 10 8	2 6 1	2
Cf	2 6 10 9	2 6 1	2
Es	2 6 10 11	2 6 0	2
Fm	2 6 10 12	2 6 0	2
Md	2 6 10 13	2 6 0	2
Эл. 102	2 6 10 14	2 6 0	2
Lr	2 6 10 14	2 6 1	2

Ад.: Хайл И., Сиборг Г. Т., Трансурановые элементы, М., 1959; Сиборг Г., Кац Дж., Химия актиноидных элементов, М., 1960; Гольданский В. И., Новые элементы в периодической системе Д. И. Менделеева, М., 1964; Лапицкий А. В., Цисурановые и трансурановые элементы, дар мачм. Рассказывают учёные химики, М., 1964; Сиборг Г., Искусственные трансурановые элементы, М., 1965; Ҳайт Э., Ядерные свойства тяжёлых элементов. Трансурановые элементы, М., 1967.

М. Самиев.

АКТИНОЛИ́Т (аз юн. *aktinos* – нур ва lithos – санг), номҳои дигараш *тремолит, стиболит, странит, смарагдит, шпати зумуррадӣ*; минерали ҷинсофарин аз гӯрӯҳи амфиболҳо. Таркиби химиявиаш:

$$Ca_2(Mg,Fe\cdot)_5[Si_4)O_{11}]_2(OH)_2.$$

Кристаллҳои дарози сӯзаншакл ва нахмонандаш, одатан, агрегатҳои шуоъшаклро ташкил медиҳанд. А. санги



Актинолит.

ороишӣ буда, рангаш хокистарранги сабзтоб, ҷигарии сабзтоб ё сабз аст; ҷилояш шишагуни хос, ки «чашми гурба» ном гирифтааст; сахтиаш 5,5 – 6; зичиаш 3170 – 3300 кг/м^3. А. дар таркиби скарнҳо, ҷинсҳои магмавӣ ва метафорӣ вохӯрда, дар таркибаш силитсий дорад. Онро ҳамчун маводи ба кислота тобовар истифода мебаранд. Яке аз хелҳои А. *нефрит* ном дорад. Конҳои асосии А. дар Африка, Зеландияи Нав, Канада, Хитой ва Россия воқеанд. А.-ро сангшиносон барои табобати касалиҳои пӯст, касалиҳои занбӯруғӣ, гурда, рехтани мӯи сар тавсия медиҳанд.

АКТИНОМЕ́ТР (аз *актино* … ва *…метр*), асбобест, барои чен кардани интенсивнокии радиатсияи мустақими Офтоб. Тарзи кори А. бар он асос ёфтааст, ки сатҳи сиёҳ кардашудаи муайян радиатсияи Офтобро фурӯ бурда, энергияи онро ба гармӣ табдил медиҳад. Мас., қисми кории А.-и В. И. Михелсон (физики рус, 1905) аз лавҳаи биметаллии оҳану *инвар*, ки бо дуд сиёҳ карда шудааст, иборат мебошад. Ҳангоми гармшавӣ оҳан дароз мешавад, вале инвар аз гармӣ тағйир намеёбад (коэф. аз гармӣ васеъшавии оҳан назар ба коэф. аз гармӣ васеъшавии инвар калон аст), дар натиҷа лавҳача то андозае каҷ мешавад. Андозаи каҷшавӣ бузургии интенсивнокии радиатсияи Офтобро нишон медиҳад. *Пиргелиометр* (асбоб барои чен кардани радиатсияи мустақими Офтоб) назар ба А. асбоби нисбатан дақиққор мебошад.

АКТИНОМЕ́ТРИЯ (аз *актино…* ва *…метрия*), фасли метеорология, ки интиқол ва тағйири шуоъафканиҳои гуногунро дар атмосфера, гидросфера ва сатҳи Замин меомӯзад; ба маънои маҳдуд А. маҷмӯи усулҳои чен кардани радиатсияи Замин (дар метеорология) мебошад. Озон, буғҳои об ва сатҳи Замин радиатсияи Офтобро фурӯ бурда, атмосфераро гарм мекунанд. Аз тарафи дигар Замин чун қисми тафсида энергияи худро ба фазои атроф медиҳад. Дохил ва хориҷ шудани энергияи шуоафкании атмосферӣ боиси тағйири иқлим ва обу ҳаво мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии А. тадқиқи радиатсияи мустақим, пароканда ва инъикосгаштаи Офтоб, радиатсияи дарозмавҷи сатҳи Замин ва атмосфера, тавозуни радиатсионии атмосфера, табдилоти энергияи шуоъ дар атмосфера, гидросфера ва сатҳи Замин аст. Тадқиқоти илмии актинометрӣ аз а. 17 оғоз гардида, ох. а. 19 ва ибт. а. 20 равнақ ёфт.

Дар айёми мо истифодаи радифҳои маснӯи Замин доираи тадқиқоти актинометриро хеле васеъ кард. Дар Тоҷикистон аввалин мушоҳидаҳои актинометрӣ дар пойгоҳи метеорологии Деҳҳавз (1931) гузаронда шуданд. Инчунин тадқиқоти актинометрӣ дар пойгоҳҳои метеорологии Федченко (1943), Душанбе (1956), Қӯрғонтеппа (1964), Ҳарамкӯл (1966) ва ғ. гузаронда шуда буданд. Феълан А. барои омӯзиши гармшавии Замин васеъ истифода мегардад.

АКТИНОМИКО́З (аз *актино…* ва юн. mukes – занбӯруғ), беморие сироятист, ки занбӯруғҳои шуоъшакл (актиномисетҳо) ба вуҷуд меоваранд. А. бештар дар пӯсти ҷоғу гардан, узвҳои шикам ва шуш пайдо мешавад. Ҳангоми А.-и сатҳӣ дар пӯст ё пардаҳои луобӣ варамчаҳои сурх ё кабуди бедард, ки манбаи газак мебошанд, ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷаи кафидани мадда носурҳои сершумор пайдо мешаванд. Дар натиҷаи А. кори узвҳои ҷавфи шикам ва шуш вайрон мегардад; дар мавриди кӯҳна шудани беморӣ иллат аз дарун ба рӯи пӯст гузашта (мас., аз шуш ба деворai сина) носурҳоро ба вуҷуд меоварад. Ангезандаҳои беморӣ дар табиат (хок, узвҳои ҳозимаи ҳайвонот, хӯшаи растаниҳо ва ғ.) васеъ паҳн шудаанд. Онҳо дар даҳон, роҳҳои болоии нафаскашӣ ва рӯда низ мавҷуданд, вале безарар мебошанд. Фақат дар шароити мусоид, яъне ҳангоми лоғаршавии организм (шамол хӯрдан, аллергия, тағйири ҷузъии бофтаю узвҳо ва ғ.) метавонанд сабаби хурӯҷи беморӣ гарданд. Саривақт муолиҷа кардани газакҳои гуногун, хусусан газаки музмини ҷавфи даҳон, табобат ва кандани дандони пӯсида барои пешгирии А. хеле муҳим аст. Ҳангоми фурӯ бурдан ё нафас кашидани чанги хӯшаҳои ҷавдор, гандум ва дигар зироати хӯшагии бо занбӯруғ олуда А.-и рӯда ё шуш пайдо мешавад. А. аз шахси бемор ба солим намегузарад. Бо усулҳои замонавӣ А.-ро аксар вақт пурра муолиҷа кардан мумкин аст. Муолиҷа ҳарчи пештар сар шавад, ҳамон қадар натиҷаи хуб мебахшад.

Аз ҳайвонот ба А. бештар гов, баъзан хук, гӯсфанд, буз, асп гирифтор мешавад. Ангезандаи А. ба воситаи ҷойҳои зарардидаи пӯст ва луобпардаҳо ба организм роҳ ёфта, омосҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Омос аксар вақт дар забон, устухони ҷоғ, меъда, рӯда, сина (дар хук), танобакҳои тухмдон (дар асп) пайдо мешавад ва тадриҷан фасод карда мекафад (омоси кафида дер карахш мебандад). А., одатан, дар натиҷаи тӯлонӣ ба ҳайвонот додани хӯроки дурушт ба вуҷуд меояд. Бо мақсади муолиҷа омоси рӯи пӯстро бурида, ҷойи онро бо маҳлули доруҳои йоддор ва пенисиллин тамйиз мекунанд. Ғайр аз ин ба ҳайвон 2 – 4 ҳафта маҳлули обии йодиди калий дода, ба зери пӯст пенисиллин (рӯзе 3 – 4 маротиба) мегузаронанд. Ба ҷойи пенисиллин стрептомитсин, террамитсин, хлорамфениколро ҳам истифода бурдан мумкин аст. Барои пешгирии А. хӯрокро ба чорво нарм карда додан тавсия мешавад.

Ад.: Алтухов Н. Н., Краткий справочник ветеринарного врача, М., 1990; Гавриш В. Г., Справочник ветеринарного врача, Ростов-на-Дону, 2003; Бессарабов Б. Ф., Воронин А. А., Воронин Е. С., Инфекционные болезни животных, М., 2007. *Н. Г. Шахматов.*

АКТИНОМИСЕ́ТҲО (Actinomicetes), стрептомисетҳо, занбӯруғҳои шуоъшакл, навъе аз микроорганизмҳост. Сохти А. ба бактерия ва занбӯруғҳо шабоҳат дорад. А.-ро. с. 1877 олими немис К. О. Ҳартс дар ғуддаҳои *актиномикози* гов ошкор кардааст. А. аз торҳои борики шохаронда иборатанд, ки печ хӯрда тана (митселия)-ро ба вуҷуд меоранд. А. аз спора (дар узви спораовар ҳосил мешавад) ва порчаи танаи нашвӣ афзоиш мекунанд. Спораҳо вобаста ба намуди А. мудаввар, тухмшакл, дарозрӯя ва қаламчашакл мешаванд. Ба А. проактиномисетҳо, микобактерияҳо, микококкҳо, микромоноспораҳо мансуб мебошанд. Бисёр намудҳои А. пигмент ҳосил мекунанд. Вобаста ба пигмент ранги А. кабуд, бунафш, сурх, норанҷӣ, зард, сабз ва ғ. мешавад. А. хусусан дар хок, лойқаи обанбор, ҳаво ва боқимондаи растаниҳо бисёранд. Баъзе намудҳои А. барангезандаи касалиҳои актиномикоз, сил, хуноқ мебошанд. А. бештар сапрофитанд, яъне аз ҳисоби моддаҳои органикии тайёр нумӯ мекунанд. Дар байни онҳо аэробҳо ва анаэробҳо низ вомехӯранд. Бисёр А. барои истеҳсоли антибиотикҳо (стрептомитсин, биомитсин, террамитсин), витаминҳо (мас., витамини В), баъзе аминокислотаҳо, пигментҳо, моддаҳои рушди растанӣ, гормонҳо ва ғ. истифода мешаванд.

Ад.: Зенова Г. М., Почвенные актиномицеты, М., 1992; Определитель бактерий Берджи, М., 1997. *Е. А. Манилова.*

АКТРИ́ЛМ, як навъ гербисид. Барои нест кардани алафҳои бегона ба киштзори гандум, ҷав, сулӣ ва ҷавдор ба ҳар га 0,5 – 1,8 кг мепошанд.

АКТУАЛИ́ЗМ (лот. actualis – ҳозира, воқеӣ), дар геология, усули омӯзиши табиию илмии таърихи инкишофи Замин. Нуқтаи назари А. чунин аст: «Ҳозира – калиди фаҳмиши гузашта». А. ба он ақида асос ёфтааст, ки равандҳои геологии ҳозиразамон, шароити зоҳиршавӣ ва натиҷаи он ба ҷараёну ҳодисоти даврaҳои гузаштаи геологӣ монанд аст. Аз ин рӯ, таҳшинҳои ҳозира, маҳсули оташфишонии вулқонҳои амалкунанда, релйеф ва ғ-ро омӯхта, бо роҳи муқоиса бо ҷинсҳои дар гузашта пайдошуда (таҳнишастҳои органикӣ, ҷинсҳои вулқонӣ, релйеф ва ғ.) равандҳои геологӣ ва шароити табиию географии даврaҳои гузаштаи геологиро тахминан муайян менамоянд. Азбаски Замин ҳамеша дар инкишоф аст, равандҳои геологии ҳозираю гузаштаро айнан монанд кардан мумкин нест, баъзе равандҳо танҳо барои даврaҳои муайяни геологӣ хосанд (мас., пайдоиши кварсидҳои оҳандори токембрий, пайдоиши бӯри даврai Табошир ва ғ.). Равандҳои геологии замони ҳозираро бо равандҳои гузашта айнан муқоиса кардан ба тафаккури метафизикӣ хос аст.

Аввалин тасаввурот роҷеъ ба А. дар ибт. ташаккули дониши инсон дар асотири қадим, ривоятҳои Таврот, асарҳои файласуфони натуралисти Дунёи Қадим пайдо шуда буд. А. минбаъд барои баён кардани ҳодисаҳои геологӣ, аввал ба таври ҷузъӣ (дар Осиёи Марказӣ – Ибни Сино, Берунӣ – а-ҳои 10 – 11, дар Италия Леонардо да Винчи – а-ҳои 15 – 16 ва дигарон) ва дертар дар миёнаҳои а. 18 (дар Россия – М. В. Ломоносов, дар Британияи Кабир – Ҷ. Геттон ва дигарон) васеътар татбиқ ёфт. Дар а. 19 олими англис Ҷ. Лейел А.-ро чун усули омӯзиши таърихи геологии Замин тавсия намуд, вале бино ба ақидаи ӯ равандҳои геологӣ бо мурури замон гӯё айнан такрор мешаванд (яъне дар ҳама вақту замон қонунҳои якхелаи табиат амал мекунанд). Чунин ақидаи нодуруст ҳоло ҳам дар байни баъзе олимони ҷаҳон вуҷуд дорад.

А́КТҲОИ ВАЗЪИ ГРАЖДАНӢ, ҳуҷҷати ҳуқуқӣ.Ниг. низ. *Асноди ҳолати шаҳрвандӣ.*

АКУ́СТИКА (юн. akustikos – шунавоӣ), фасли физика, ки ҳодисаҳои пайдоиш, паҳншавӣ, фурӯбарӣ ва инъикоси садоро дар газ, моеъ ва ҷисмҳои сахт, инчунин алоқамандии онҳоро бо ҳодисаҳои дигари физикӣ

меомӯзад. Истилоҳи А.-ро бори аввал олими франсавӣ Жозеф Савёр истифода намудааст (1701). Қонунҳои паҳншавӣ ва инъикоси садо аз замони Уқлидус маълуманд. Дар а. 17 вобастагии байни баландии лаҳн (тон) ва адади лаппиш муайян карда шуд. Г. *Галилей* ва М. Мерсенн (1588 – 1648) паҳншавии мавҷҳои садоро дар ҳаво шарҳ доданд ва бори аввал суръати паҳншавии садоро чен карданд. *Торичеллӣ* дар вакуум (фазои беҳаво) паҳн шудани садоро исбот намуд. А. аз ох. а. 17 то авв. а. 20 чун фасли механика дар асоси механикаи И. Ниютон тараққӣ кард. Ҷ. Рэлей бо асари худ «Назарияи садо» (1877) ба инкишофи А.-и классикӣ асос гузошт. А.-и муосир ба А.-и умумӣ, А.-и молекулавӣ, А.-и физиологӣ, А.-и мусиқӣ, *электроакустика, гидроакустика*, А.-и атмосфера, А.-и ҳарбӣ, А.-и меъморӣ ва бинокорӣ ҷудо мешавад.

А.-и умумӣ назария ва амалияи қонунҳои пайдоиш, паҳншавӣ, фурӯбарӣ ва қабули мавҷҳои садо, инчунин усулҳои ченкунии акустикиро меомӯзад. Барои ҳосил шудани садои бардавом такрори сершумори лаппиш лозим аст, ки бо роҳи бо энергия мунтазам таъмин намудани манбаи лаппиш ба амал меояд. Лаппиш бо амплитуда, адад, давр ва шакли лаппиш тавсиф дода мешавад. Мавҷи садоро бо дарозиии мавҷ, суръати паҳншавӣ ва энергияи он муайян мекунанд.

А.-и молекулавӣ таъсири сохти молекулавии моддаро бо паҳншавӣ ва дисперсияи ултрасадо дар газҳо, моеъҳо ва ҷисмҳои сахт меомӯзад. *Ултрасадо* на фақат воситаи тадқиқот, балки аслиҳаи тавонои таъсир ба модда низ ҳисоб меёбад. Г. Гелмголс (1863) дар асоси назарияи резонаторҳо назарияи узви сомеаро чун аппарати шунавоӣ эҷод кард, ки минбаъд асоси А.-и физиологӣ ва А.-и мусиқӣ гардид.

А.-и физиологӣ омӯзиши масъалаи садоафканӣ ва садоқабулкунии узвҳои инсону ҳайвон, таъсири садо ба организм ва ғ-ро дар бар мегирад. Мафҳумҳои асосии А.-и физиологиро Г. *Ом* ва Г. *Гелмголс* ворид кардаанд.

А. дар даврaҳои кадим чун тасаввуроти инсон дар бораи таъсири мутақобилаи ӯ бо олами берун ба воситаи узвҳои сомеа ба амал омадааст. Гӯши инсон мавҷҳои садоро дар фосилаи басомадҳои тақр. аз 15 то 20000 Ҳс (мавҷҳои садо) қабул мекунад. Дарозии мавҷе, ки дар ҳаво ба ин басомадҳо мувофиқат мекунад, дар фосилаи 22 м – 1,65 см ҷойгир аст. Фосилаи мавҷҳои акустикие, ки манбаъҳои гуногунуи табиӣ ва асбобҳои махсус ҷудо мекунанд, тақр. аз қимати радиуси Замин ва Офтоб (лаппишҳои хоси Замин ва Офтоб) то *ангстремро* дар бар мегирад. Мавҷҳои акустикии кӯтоҳ (баландбасомад) ва нисбатан дароз (пастбасомад)-ро мувофиқан мавҷҳои *ултрасадо* ё *инфрасадо* меноманд. Лаппишҳои акустикӣ дар газҳо ва моеъҳо ба шакли мавҷҳои барқад ва дар ҷисмҳои сахт чун мавҷҳои барқад ва ҳам кӯндаланги суст паҳн мешаванд. Суръати садо дар ҳаво дар ҳарор. Т=300К 330 м/с-ро ташкил медиҳад; вай мутаносибан ба $\sqrt{T}$ афзоиш ёфта, қариб ки аз зичии ҳаво вобаста нест. Қиматҳои муқаррарии суръати садо дар моеъҳо ва ҷисмҳои сахт аз як то якчанд км/с-ро ташкил медиҳад; дар оби тоза дар ҳарор. Т=300К – 1,500 км/с, дар оҳан ва пӯлод – 5,7 – 6,1 км/с барои мавҷҳои барқад ва – 3,2 км/с, барои мавҷҳои кӯндаланг, дар ҷинсҳои кӯҳӣ (санги хоро, базалт) мавҷҳои барқад ва кӯндаланг мувофиқан 4,5 – 6 км/с ва 2,8 – 3,1 км/с мебошад. Дар натиҷаи хурд будани амплитудаи лаппиш вобаста ба зичӣ, фишор, ҳарор. ва дигар бузургиҳои муҳит мавҷҳои акустикӣ суст фурӯ буда мешаванд ва суръати мавҷ аз басомад кам вобаста аст (хусусан барои мавҷҳои пастбасомад). Ба туфайли ин мавҷҳои акустикӣ ба масофаҳои дур бе таҳрифи калон паҳн мешаванд.

Электроакустика ба таҳқиқи масъалаҳои табдили энергияи садо ба энергияи электрикӣ (табдили мавҷҳои акустикӣ ба мавҷҳои электромагнитӣ ва радиомавҷҳо) ва баръакс, энергияи электрикии садо, сабти садо, акустикаи бино ва техникаи ултрасадо машғул аст. Баъди ихтирои телефон (А. Белл, 1876) ва фонограф (Т. Эдисон, 1877) алоқаи телеграфӣ, сабти магнитии садо ва филмҳои овоздор (1901) ба вуҷуд омаданд. Баъди ихтирои лампаи электронӣ электроакустика босуръат тараққӣ кард.

А.-и атмосфера ва гидроакустика паҳншавии садоро дар муҳитҳои ғайриякҷинса ва бисёрқабата меомӯзад. Мас., дар баҳр, ки муҳити ғайриякҷинса аст, мавҷҳои рӯшноӣ мешикананд, инъикос меёбанд ва фурӯ бурда мешаванд, ки ин дар масофаҳои калон аниқ кардани мавқеи киштиҳоро душвор мегардонад. Дар ин маврид мавҷҳои садо истифода мегарданд. Чунин ҳодисаҳо дар атмосфера низ ҷой доранд. Дар нимаи авв. а. 20 талаботи техникаи ҳарбӣ боиси инкишофи нави А. гардид. А.-и ҳарбӣ, масъалаҳои бо ёрии садои аксшуда аниқ кардани мавқеи душман, самти парвози самолётҳо, вазъият ва суръати киштиҳои зериобӣ, масофаи онҳо аз нуқтаи мушоҳида, ҷой, вақт ва характери таркиш ва ғ-ро дар бар мегирад. Аз ҷумла, *радиолокатсия* ва пеленгатсия дар кори ҳарбӣ васеъ татбиқ шудаанд. Феълан завраккҳои зериобӣ, самолётҳо, минаҳои акустикӣ бо ёрии ултрасадо идора карда мешаванд. У. Сэбин с. 1900 ҳодисаи *ревербератсия* ва бузургиҳои параметрҳои садогузаронии масолеҳи бинокориро тадқиқ карда, ба акустикаи меъморӣ асос гузошт. Вазифаи А.-и меъморӣ ва бинокорӣ аз омӯзиши масъалаҳои паҳншавӣ, инъикос ва фурӯбарии садо дар биною қасрҳо, театр, студияҳои радиошунавонию телевизион ва масъалаҳои садогардонию садопасткунии бинову иншоот иборат аст. А.-и спектрӣ барои назорат кардани сифати асбобҳо ва қисмҳои металлӣ бидуни вайрон кардани сохти онҳо истифода мешавад.

Олимони Тоҷикистон дар соҳаи А.-и молекулавӣ тадқиқот мебаранд: паҳншавӣ ва фурӯбарии мавҷҳои акустикӣ дар газу моеъҳо, назарияи молекулавию кинетикии ҳодисаҳои интиқол ва релаксатсия дар муҳити конденсатсияшуда, хосиятҳои акустикии аксар моддаҳои органикию кристаллӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ омӯхта мешаванд. *К. Ҳомидов.*

АКӮСТИКАИ МУСИҚӢ, илмест, ки қонуниятҳои физикавӣ (паҳншавӣ, инъикос, ларзиш, андозаи мавҷ) ва дигар хусусиятҳои табиии садоҳои мусиқиро мавриди тадқиқ қарор дода, робитаю ҳамоҳангии онҳоро дар ҳолати навохтану иҷрои мусиқӣ меомӯзад. А. м. инчунин баландии овоз, муқовимати садои мусиқӣ, консонанс ва диссонанс, сохт ва таркиби овозии мусиқиро зимни қонуниятҳои хоси физикӣ ва психофизиологӣ тадқиқ мекунад. А. м. бо акустикаи меъморӣ, психофизиологияи дарккунии мусиқӣ, физиологияи сомеа ва хусусиятҳои овоз иртиботи наздик дорад. А. м. барои тафсири як қатор зуҳуроти хоси мусиқӣ мисли гармония, созҳои мусиқӣ, инструментовка ва ғ. кумак мерасонад. А. м. ҳамчун қисмати назарияи мусиқӣ дар таълимоти файласуфҳо ва мусиқишиносони қадим ба вуҷуд омадааст. Қонунҳои паҳншавӣ ва инъикоси садо ҳанӯз аз замони Уқлидус (Евклид) маълуманд.

Дар назарияи мусиқии асрҳои миёнаи халқҳои Шарқ А. м.-ро баъзан зимни истилоҳи *бӯъд* ва фосила ифода мекарданд. Марҳалаи муҳим дар инкишофи А. м. кашфиёти физик ва физиологи намоёни а. 19-и немис Г. Гелмголс маҳсуб мешавад. Ӯ с. 1863 назарияи резонансии сомеа (гӯш)-ро эҷод кард, ки минбаъд ин асоси А. м. гардид. Омӯзиши масъалаи садоафканӣ ва садоқабулкунӣ боиси аз ҷиҳати баландию пастӣ мураттаб сохтани низоми садои мусиқӣ гардид, ки он бо *диапазон* ифода мегардад. Имконияти сабти садо, ки дар а. 20 ба миён омад, боиси инкишофи А. м. гардид. Инчунин асбобҳои мусиқии электрикӣ, ки баробари садоафканӣ ба акустикаи бино ва таҷҳизоту техникаи паҳншавии садо алоқаманд аст, ба инкишофи рӯзафзуни А. м. мусоидат кард.

АКУТАГА́ВА Рюноскэ (1. 3. 1892 – 24. 7. 1927), нависандаи Япония. Шӯъбаи забони англисии Донишгоҳи императории Токиоро хатм кардааст (1916). Дар солҳои донишҷӯӣ маҷаллае бо номи «Синсите» таъсис намуд ва дар пайравии методи услуби *неореализм* асарҳо меофарид. Пас аз нашри нахустин ҳикояҳояш – «Дарвозаҳои Расёмон» (1917) ва «Бинӣ» шӯҳратёр гардид. Баъди хатми донишгоҳ ба тадриси забони англисӣ машғул шуд. Дар ин давра, дар муддати 9 моҳ 20 новелла эҷод кард, ки қаҳрамони онҳо омӯзгори покизакор Ясукити мебошад. А. дар адабиёти Япония чун устоди новелланавис эътироф гардидааст. Яке аз нахустин нависандагонест, ки мавзӯъҳои миллии Японияро бо анъанаҳои адабии европагӣ тавъам сохтааст. Ба мавзӯъҳои фалсафӣ, хаёлоти бадеии илмӣ, иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ дошт. Соли 1935 дар Япония ҷоизаи адабие ба номи А. таъсис дода шуд. Аз осори А. як новелла бо номи «Азобҳои ҷаҳаннам» ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст (маҷ. «Садои Шарқ», 2010, № 8, мутарҷим Қодири Рустам).

Ос.: Слова пигмея: Рассказы. Воспоминания. Эссе. Письма, М., 1992.
Ад.: Жизнь. Творчество. Идеи, М., 1980.

АКУШЕРӢ, қобилагӣ,ниг. *Момоӣ.*

АКУШЕРИ́И ВЕТЕРИНАРӢ, як соҳаи *ветеринария,* ки раванди физиологии организми ҳайвонот ва ихтилоли онро ҳангоми муносибати чинсӣ, ҳомилагӣ, зоидан, дар давраи баъди зоидан, ҳамчунин касалиҳои чавонаҳоро меомӯзад. А. в. роҳҳои бордоркунии сунъии ҳайвонотро дарёфт намуда, тарзи ёриро ҳангоми зоимон ва масъалаҳои ташкили таҷдиди чорво тадқиқ мекунад. Омӯзиши назария ва амалияи бордоркунии сунъии чорво имкон медиҳад, ки наринаҳои наслафзо барои беҳтар сохтани сифати зот ва маҳсулнокии ҳайвонот дуруст истифода гарданд. Усулҳои нисбатан одии зоёндани чорво ҳанӯз ба одамони замонҳои қадим маълум буд. Дар ҷамъияти ибтидоӣ ба ҳайвонот асосан чорводорон ёрии акушерӣ мерасонданд. Дар давраи ғуломдорӣ ин кор шуғли азоимхонон буд. Дар замони феодализм бо пайдо шудани артиши савора зарурати тарбияи мутахассисони байторӣ пеш омад. Вале фаъолияти онҳо фақат бо ёрӣ расондан ҳангоми зоидани аспон маҳдуд мешуд. Баробари инкишофи ҷамъияти капиталистӣ А. в. ба илми мустақил табдил ёфт. А. в. дар алоқамандӣ бо анатомияи чорво, гистология, эмбриология, биохимия, микробиология, физиология, ҷарроҳия ва ғ. инкишоф меёбад. Олимон таснифоти бенаслии ҳайвонот, бачапартоӣ, усулҳои гуногуни ташхиси бордорӣ, тарзи муолиҷаи касалиҳои роҳи зоиш ва аъзои ҷинсиро пешниҳод намуданд. А. в. ба масъалаҳои пешгирии касалиҳои акушерӣ-гинекологии чорво диққати калон медиҳад.

АКҲЯ́НА (санскр. – ҳикоя), жанрҳои ривоятии адабиёти қадими халқҳои Ҳиндустон. Дар Ведаҳо А. – порчаҳои эпикӣ ва муколамаҳои драмавие вомехӯранд, ки сужети онҳо дар адабиёти классикии санскрит, аз ҷумла дар драмаҳои Калидаса, инкишоф ёфтааст. А.-ро ибтидои драматургияи классикӣ ва жанрҳои ривоятии назму насри ҳиндӣ медонанд. Мавҷудияти А. дар Ведаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки халқҳои Ҳиндустон аз қадимулайём адабиёти пешрафта доштаанд.

АҚАЛЛИЯ́ТИ МИЛЛӢ, шакли умумияти миллию этникӣ, ки дар ҳолати ҷудо гаштани қисм ё гурӯҳе бар асари тағйири сарҳад, муҳоҷирати ихтиёрӣ ё муҳоҷирати маҷбурӣ ба амал омадааст. А. м. аз воҳиди давлатию миллӣ бенасибанд, онҳоро бо мафҳуми «халқҳои хурд» набояд ҳаммаъно донист, зеро онҳо қисми халқҳое мебошанд, ки воқеан дар ҳудуди мамлакати дигар зиндагӣ дошта, соҳиби шакли давлатдории миллии хеш мебошанд. Аҳолии таҳҷоии камшумори мамлакатҳои гуногун (мас. ҳиндуҳои Америка) ҳам А. м. ба шумор намераванд, чунки дар ҳудуди этникии худ зиндагӣ намуда, воҳиди маъмурию сиёсӣ ва миллии дигар надоранд, одатан ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳо эътироф гардидаанд, ба сифати умумияти давлатофарин дар доираи муносибатҳои минтақавӣ ё сатҳи локалӣ пазируфта шудаанд. Шумора аломати фарқкунандаи А. м. нест, як қисм аз миллион нафар зиёдаанд, гурӯҳе аз чанд ҳазор беш нестанд.

Дар шароити давлати мутамаддин А. м. барои ҳимояи манфиатҳои худ иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсис дода, мекӯшанд ба раванди сиёсӣ таъсир расонанд, ҳарчанд ин иттиҳодияҳо аксаран ҷанбаи фарҳангӣ доранд. Дар баъзе мавридҳо онҳо аз доираи ваколатҳои худ берун баромада, ба масоили сиёсию ҷамъиятӣ даст мезананд, намояндагони худро ба мақомоти давлатию қонунбарор сафарбар намуда, ба воситаи онҳо барои ҳалли масъалаҳо талош меварзанд. Намояндагони А. м. ҳамчун шаҳрванд ҳақ доранд дар шакли инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъӣ бевосита ва пайваста дар равандҳои ҳокимиятӣ ва шаклҳои дигари корҳои давлатӣ иштирок намоянд, аммо мансубият ба А. м. ҳеҷ гоҳ онҳоро дорои ҳуқуқҳои фавқулода намегардонад. Давлатҳои миллӣ наметавонанд аксарият ва ақаллиятро дар як сатҳ нигоҳ доранд. Миллате, ки бо номаш давлат муаррифӣ мегардад, яъне миллати давлатофарин наметавонад А. м.-ро дар баробари худ эътироф кунад. Дар акси ҳол давлати миллӣ моҳият ва мазмунашро гум менамояд. Умуман, муносибатҳои байниҳамдигарии миллати асосӣ ва А. м. аз сатҳи тамаддун ва гуманизми миллати давлатофарин вобаста аст.

Дар сиёсати ҷаҳонӣ муносибат бо А. м. асосан дар доираи «Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуқ доранд», ки комиссия оид ба ҳуқуқи инсони СММ с. 1992 ва «Конвенсияи ҳудудӣ дар бораи ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ», ки Шӯрои Европа с. 1994 қабул кардааст, муайян карда мешавад.

Ад.: Абдулатипов Р. Г., Национальный вопрос и государственное устройство России, М., 2000; Национальные меньшинства Таджикистана: проблемы и перспективы, Д., 2002.

Г. Зокиров.

АҚД, аҳд, созиш, гирев, паймон ва истилоҳи динӣ, ин ҷо асосан ба маънои никоҳ аст. А.-и никоҳ бастан яке аз талабҳои муҳими тарзи ҳаёти мусулмонӣ буда, ин маросим барои домодшаванда ва арӯсшаванда бояд дар ҳузури мулло ва падарвакилҳо

сурат гирад. Мулло ҳангоми бастани А. вазифадор аст, ки пас аз хондани хутбаи никоҳ розигии тарафайнро се маротиба пурсон шавад. Дар сурати хомӯш мондани арӯсшаванда ба ҷои ӯ розигии яке аз ҳамроҳон ва ё падарвакили ӯ низ кифоя аст. А.-и никоҳ ҳамон вақт иҷобат мегардад, ки агар тарафайн аз қонуну қоида ва талаботи ислом рочеъ ба ҳаёти оилавӣ пурра бохабар бошанд.Ниг. низ *Никоҳ*.

М. Мирраҳимов.

АҚДАСИ́И МАШҲАДӢ (976, Сабзвор – 1595, Қазвин), шоири форсҷочик. А. дар Машҳад рушду камол ёфта, яке аз шахсони донишманди замонаш будааст. Ӯ дар шоирӣ табъи равон доштааст. Дар *«Тазкират-уш-шуаро»*-и Мутрибӣ ба нисбаи «Хуросонӣ» зикр шудааст. А. дар ҷавонӣ аввал ба Қазвин, сипас ба Исфаҳон, Шероз, Бағдод, Карбало ва Наҷаф рафтааст ва дар мадҳи Алӣ ибни Абитолиб қасидае сурудааст. Сипас аз Наҷаф бо роҳи Форс, Исфаҳон ва Кошон ба Қазвин баргаштааст. Бо шоҳ Аббоси Сафавӣ (ҳукмр. 1567 – 1629) ҳамсӯҳбат шудааст, вале ба зудӣ бемор шуда, дар 26-солагӣ вафот кардааст. А. умри кӯтоҳ дида, аммо аз худ навъҳои гуногуни шеър, ғазал, қасидаву соқинома ба мерос гузоштааст. Ӯ бо шоирони муосири худ Ҷунунии Қандаҳорӣ ва *Шифоии Кошӣ* мушоира кардааст. Аз мазмуни ашъораш бармеояд, ки ба мавзӯъҳои тасаввуфӣ низ майл доштааст. Абёти зерин аз ӯст:

Нолаи ноқуси габрон аз дили афгори мост,
Печиши зулфи бутон аз нолаҳои зори мост.
Кай расад дар ҳашр аъзои вуҷуди мо ба ҳам,
З-ин парешонӣ, ки аз зулфи бутон дар кори мост.
Шӯълае ҳаргиз касе аз пунбаи оташ накард,
Кӯри ботинро назар бар ҷабҳати дастори мост.

Ад.: Каримов У., Литературно исторические источники и основные тенденции таджикской литературы XVI века, Д., 2000; Мутрибии Самарқандӣ, Тазкират-уш-шуаро, Т., 1999; Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, ч.1, Д. 1981.

У. Каримов.

АҚИБГО́Ҳ, ба маънои васеъ тамоми ҳудуди мамлакати ҷангкунанда бо аҳолӣ ва захираҳои иқтисодии он, ғайр аз минтақаи амалиётҳои ҳарбӣ; ба маънои маҳдуд маҷмӯи қувваю воситаҳои таъмини қӯшун, флот ва амалиёти онҳо, ки дар ҳудуди ҷабҳаҳо, артишҳо, иттиҳодияҳо ва қисмҳо ташкил карда мешаванд. Вазифаҳои умумии А.-и артиши амалкунанда: таъмини моддӣ ва техникии қӯшун, тахлия (эвакуатсия) ва табобати маҷрӯҳону беморон, баровардани ашёи ҳарбии нолозим ва ғ. А.-и артиши амалкунанда дар қӯшунҳои хушкигард ҷабҳавӣ, артишӣ ва қӯшунӣ мешаванд, ки ҷузъи ҷудошавандаи ҷабҳа, артиш, дивизия ва полкҳо мебошанд. А.-и ҷабҳавӣ ва А.-и артиширо инчунин А.-и фаврӣ ва А.-и иттиҳодияҳои қӯшунӣ ва қисмҳоро А.-и қӯшунӣ меноманд. Мустаҳкам гардидани А. ба иқтидори иқтисодӣ ва матонати маънавии мамлакат вобаста аст.

АҚИБНИШИНӢ, амалиёти қӯшунҳо, ки барои аз таҳти зарбаҳои душман баровардани қисмҳои ҳарбӣ, ишғоли минтақаҳои барои мудофиа қулай, ҳуҷуми (зарбаи) ҷавобӣ, ихтисори тӯли ҷабҳа ё ғанимати вақт гузаронда мешавад. А. ҷангкунон ё бо мақсади стратегӣ пеш аз рӯ ба рӯ шудан бо душман ба вуқӯъ омада метавонад. А. танҳо бо фармони сарфармондеҳ ичро хоҳад шуд.

АҚИДА́ (ар. – боварӣ ба дурустии чизе), а қ о и д, 1) дар фалсафаю сиёсат маҷмӯи афкори яқину устувор ва эътиқодоти маҳкам, ки дар заминаи ҷаҳонбинӣ қарор гирифтаанд; 2) дар масеҳият ва ислом аркону аҳкоми асосии дин, ки пояи имонро ташкил медиҳанд. Ташаккули А.-и ислом ба замони ҳукмронии халифаи чоруми рошидӣ *Алӣ ибни Абитолиб,* пайдоиши *шиъа* ва *хориҷия* рост омад. Дар таълимоти фирқаву ҷараёнҳои гуногуни ислом таснифоти ягонаи А. вуҷуд надорад. Муҳаққиқи ислом Монтгонери Уотт дар асоси асарҳои Бағдодӣ, Ғазолӣ ва Наҷмуддини Насафӣ рӯйхати А.-ҳои исломро тартиб додааст, ки шомили масъалаҳои тавҳид, моҳият ва вуҷуд, қидам (азалияту абадият)-и *Аллоҳ* ва сифоташ, фарқи ӯ ва махлуқот, асмоъулҳусно, ташбеҳ, халқи Қуръон ё қидами он, иродаи илоҳӣ ва рафтору аъмоли инсон, касб, пурсишҳои Мункару Накир ва азоби гӯр, қиёмат, мақоми анбиё, шафоати Муҳаммад (с) ва пирону авлиё, биҳишту дӯзах, хилофату имомат, куфру имон ва ғ. аст. Дар А. на баҳси ақлӣ ё асосноккунии илмӣ, балки ташаккули таълимот ё аҳкоми дин мақсади асосист. Бо вуҷуди ин баҳсҳои мазҳабӣ ба ташаккули А. мусоидат намуданд ва аксар андешаи ин ё он ашхоси маъруф, мавқеи мактаб ё гурӯҳи алоҳида доир ба ягон масъала дар заминаи пайдоиши А.-и муайян қарор мегирифт. Китоби «Фиқҳи акбар»-и *Абуҳанифа* маҷмӯи чунин А.-ҳоро дар бар мегирад. Дар нимаи дуюми а. 8 дар атрофи таълимоти ислом баҳсҳои ақлӣ сар заданд, ки қисман аз афкори аҳди бостон ва таълимоти масеҳият сарчашма мегирифтанд.



Ақиқ

АҚӢҚ, сердолик, санги гаронбаҳо, минерал, як намуди халседон – навъи монокристаллӣ ва нимшаффофи кварс (SiO_2) буда, рангаш зард, сурх, норанҷӣ, маҳтобӣ, бӯр, сабз, кабудча, қаҳваранг, баъзан рах-рах ё нақшдор ҳам мещавад (ниг. *Ҷазъ*). Ранги он ба ташкилаҳои оксидҳои оҳан вобаста аст. Сингонияаш тригоналӣ. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 6,5 – 7. Зичиаш 2580 – 2640 кг/м^3, нишондоди шикасташ 1,53 – 1,539. А.-ро дар хотамкории маснуоти заргарӣ, ҳамчун марҷон, тасбеҳ, маснуоти ороишӣ истифода мебаранд. Намунаҳои алоҳидаи А. дар дохили чинсҳои вулқонии давраи палеозойи Қаромазор, кӯҳистони Зарафшони Ҳисор ва Помир ёфт шудаанд. Шоирони Шарқ лаби сурхи маъшуқаро ба ақиқ ташбеҳ медоданд:

Аз лаб ба суҳан шакар мерехт,
Лӯълӯ зи ақиқи тар ҳамерехт.

(Ҷомӣ)

АҚИҚА́ (ар. ақиқатун – мӯи навзоди инсон ва ҳайвон; мӯи сари кӯдаки навзод), ҳайвон (асосан гӯсфанд), ки дар ҳафтаи аввали таваллуд ёфтани кӯдак барои ӯ қурбонӣ кунанд, зиёфати мӯйтарошӣ ва номгузории кӯдак. Чунин суннат ҳам ҳаст, ки дар ҳафтаи аввали таваллуд барои навзоди писар ду гӯсфанд ва барои духтар як гӯсфанд кушта, қурбонӣ ва зиёфат мекарданд.

М. Умаров.

АҚЛ, (ар. хирад, идроки дарёфт, қобилияти фикр, зеҳн), яке аз қувваҳои нафси инсонӣ, ки феълаш тафаккуру андеша аст. Чизест, ки сабабҳои мавҷудотро дарк карда, хайрро аз шарр ҷудо мекунад. Инчунин ҷавҳари латифи рӯҳонист, ки ба воситаи он нафс чизҳоро дарк менамояд. Дар фаҳмиши динӣ А.-и аввал ё А.-и кулл Ҷабраилро мегӯянд. Инчунин ба маънои нури Муҳаммад ва рӯҳи аъзам ҳам меояд. Мутобиқи таълимоти динӣ аввалин чизест, ки ӯро худо берун аз макону замон би-

дуни модда офаридааст. Ҷавҳари басити рӯҳонист, ки сурати ҳамаи мавҷудот назди вай ҳозир аст ва онро машшоиён ақли аввал ва ишроқиён нури аввал меноманд. Сабаби пайдоиши ақли дуюм аст. Дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, исмоилия, тасаввуф ақлро ба намудҳо ҷудо кардаанд, ки бо вуҷуди тафовутҳо аз нигоҳи ин мактабҳо умумиятҳое низ дар таснифи А. ва намудҳои он ба назар мерасад. Дар машшоия чунин намудҳои ақл тадқиқ шудаанд:

Ақли ҳаюлонӣ, ақлест, ки дар марҳилаи қуввати маҳз буда, аз ҳар сурату феъл холист, он лавҳи тозаеро мемонад, ки дар ӯ чизе навишта нашудааст. Он қуввааи мумкин дорад, ки дар ҳар як шахс мавҷуд аст. Аз сабаби ба ҳаюлои аввал шабоҳат доштан онро А.-и ҳаюлонӣ гуфтаанд.

Ақли билмалака, ақлест, ки аз зинаи ҳаюлонӣ ва билқувва мегузарад. Дар А.-и ҳаюлонӣ вақти камолот мақулоти аввал пайдо мешавад ва ба воситаи он А.-и ҳаюлонӣ ба мақулоти дуюм мерасад. Мақулоти аввал муқаддимаест, ки дар он тасдиқ бо роҳи иктисоб ҳосил намешавад. Чун дар А. ҳамин қадар чиз пайдо шуд, онро А.-и билмалака меноманд. Мисол, кулл аз ҷузъ бузургтар аст. Ин А.-ро нисбат ба А.-и ҳаюлонӣ А.-и билфеъл ҳам гуфтан раво бошад, зеро он баракси А.-и ҳаюлонӣ чизҳоро ба феъл дарк мекунад. Ин ақлест, ки дар он сурати илмҳои аввалӣ мавҷуд аст ва метавонад ба А.-и билфеъл гузарад.

Ақли билфеъл ақлест, ки дар он сурати мақули аввал пайдо мегардад ва ҳар вақте ки хоҳад, сурати маъқулоти аввалро бе душворию иктисоб дармеёбад. Ин нафсро аз ҷиҳати пайдоиш ҷисмонӣ, аз сабаби ҷавҳари бобақо буданаш рӯҳонӣ меноманд. Ин ақлро А.-и фаъол аз зинаи ҳаюлонӣ ба билфеъл мерасонад. Аз рӯи қиёс ба чизҳои баъди худ А.-и билқувва ҳам мгӯянд.

Ақли мустафод ақлест, ки аз зинаҳои ҳаюлонӣ, малака ва феълӣ гузашта, ба дараҷае мерасад, ки барои ҳосил намудани маълумот ба ҳеҷ чиз ниёзманд нест. Ин А. тамоми ашёро мушоҳида мекунад ва суратҳоро аз мабдаи файзбахши худ аз А.-и фаъол мегирад. Ба воситаи васлаш ба ин А. он чиро, ки А.-и фаъол медонад дар ин А. ҳам ҳосил мешавад. Дар ин зина нафс аз модда дур шуда, бевосита аз А.-и фаъол истифода мекунад. Дар ин ҷо чинси ҳайвонию навъи инсонӣ ба итмом расида, қуввааи инсонӣ ба тамоми мабдаъҳои вуҷуд монанд мешавад.

Ақли фаъол ақлест, ки нафсҳои инсониро аз зинаи билқувва ба билфеъл мерасонад. Ин А. доимо билфеъл аст. Он мудаббири олами зери қамар - олами кавну фасод мебошад. Онро ҳукамои машшоъ «воҳиб-ус-сувар» (диҳандаи суратҳо) низ меноманд. Ин А. ҷавҳари басити рӯҳонӣ ва нури маҳзест, ки дар ғояти камолу фазилатҳо мебошад. Дар ӯ суратҳои ҳамаи ашё мавҷуд аст. Ин А. бо номи руҳулқудс, равонбахш, руҳи амрӣ низ маъруф аст. А.-и фаъол ҷавҳари ба зоти худ маъқул аст, ки А. ҳам мебошад. Чизи ба зот маъқул сурати аз модда муҷаррад мебошад.

Ақли қудсӣ ба истеъдоди фард вобаставу пайваст аст. Истеъдод дар баъзе одамон ба дараҷае пурқувват аст, ки дар натиҷаи ба А.-и фаъол пайваст буданаш дар маърифати баъзе чизҳо ба таълиму омӯзиш мӯҳтоҷ нест ва ҳар чизро ба воситаи худаш медонад. Ин ҳолати А.-и ҳаюлониро А.-и қудсӣ меноманд, ки аз ҷинси А.-и билмалака мебошад. Истеъдоди расидан ба ин зина дар одамон гуногун аст.

Дар осори фалсафаи исломӣ А. ба намудҳои зиёде тасниф шудааст. Аз ҷумла: А.-и холис, А.-и ғаризӣ, А.-и фоил, А.-и фаъол, А.-и файёз, А.-и кул, А.-и мафориқ, А.-и мунфаил, А.-и назарӣ, А.-и илоҳӣ ва ғ. Дар фалсафаи европоӣ, махсусан фалсафаи Кант, А. қобилияти олии маърифатии амалии инсонро ифода мекунад. Вазифаи мантиқии А. қобилияти хулосабарорӣ мебошад. Дар фалсафаи муосир, аз ҷумла материализми диалектикӣ, А. натиҷаи раванди рушди тафаккури назарӣ буда, ба қобилияти истифода ва эҷоди мафҳумҳо, истифодаю таҳлили фактҳо, ҳодисаҳо ва далелҳо ва фаъолияти кашфкунандаи моҳияти воқеият вобаста мебошад.

Ад.: Абуалӣ ибни Сино. Осор ҷ. 1 Д., 2005; Философский энциклопедический словарь, М., 1983; Дидье Жулиа. Философский словарь, М., 2000. *Ф. Сирочов.*

АҚНАЗАРБЕКОВ Ғарибшо Сафдарович (тав. 28. 2. 1954, деҳ. Барчиди ноҳ. Шуғнон), генерал-майори хизмати дохилӣ (1999). Мактаби махсуси милитсияи ВКД СССР дар ш. Чимкенти Қазоқистон (1978) ва Академияи ВКД Федератсияи Россия (1998)-ро хатм кардааст. Солҳои 1978 – 90 нозир, сарнозир, сардори қисми фаврӣ, муовин ва сардори калоннаи Раёсати муассисаҳои ислоҳӣ-меҳнатии ВКД ҶТ дар ноҳ. Ёвон ва ш. Қӯрғонтеппа, 1992 – 93 муовини сардори ҳамин раёсат дар ш. Душанбе, 1993 – 95 сардори ШКД ш. Хоруғ, 1996 – 2000 сардори Раёсати корҳои дохилии ВМКБ, 2001 – 03 муовини сардори Раёсати корҳои ислоҳии ВКД ҶТ, 2003 – 04 муовини сардори Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи ҶТ. Аз с. 2004 муовини фармондеҳи Қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи ҶТ мебошад. А. бо ордени Шараф, медалу ифтихорномаҳои соҳавӣ сарфароз гардидааст. *З. Ёқуббеков.*



Ақназарбеков **Ғ.**



Ақназаров **Х.**

АҚНАЗАРОВ Оғоназар (тав. 21. 2. 1940, деҳаи Манеми ноҳ. Шуғнон), биолог, доктори илмҳои биология (1991), проф. (1993), акад. АИ ҶТ (2008), Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи фак-ти агрономии Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1962). Ходими хурди илмӣ (1962 – 66), аспирант (1966 – 69), ходими хурди илмӣ (1969 – 76), котиби илмӣ (1976 – 77), мудири лабораторияи экологияи таҷрибавӣ ва ҳамзамон ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ (1977 – 81), директор (1981 – 88), ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ (1988 – 98), директори Ин-ти биологияи Помири АИ ҶТ ва ҳамзамон раиси бахши помирии АИ ҶТ (аз 1998). Зери роҳбарии А. оид ба физиологияи экологӣ як силсила пажӯҳишҳо анҷом пазируфтанд. Доир ба тарзҳои физиологиву биохимиявии мутобиқати наботот ба шароити баландкӯҳ ва таъсири афканишоти ултрабунафш ба инкишофу маҳсулнокии растаниҳо тадқиқот мебарад. Бо ташаббуси А. дар назди институт корхонаи таҷрибавии кашидани равғани ангад ба роҳ монда шудааст. Муаллифи зиёда аз 200 таълифоти илмист. Дар бисёр анҷуманҳои байналмилалӣ – Венгрия (1985), Франсия (1995 – 97), ШМА (1996), Голландия (1998) ва ғ. маърӯза кардааст.

Ос.: Овощеводство на термальных водах Памира, Д., 1995, Геотермальные воды Памира и вопросы комплексного их использования, Д., 1999; Созишномаи СММ оид ба мубориза бар зидди биёбоншавӣ: пурсишҳо ва посухҳо, Д., 1999; Физиология и биохимия плодовых культур Памира, Д., 2005; Экологические условия Памира и жизнедеятельность растений, Д., 2005; Экотуризм на Памире, Д., 2006.



АҚНАЗА́РОВ Худодод (тав. 14. 2. 1947, деҳаи Манеми ноҳ. Шуғнон), агроном, доктори илмҳои кишоварзӣ (1999). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1968). Фаъолияти меҳнатиаш дар Ин-ти биологияи Помири АИ ҶТ оғоз ёфта, аввал лаборанти калон, баъдан мудири озмоишгоҳи хӯроки чорво буд. Аз с. 2006 мудири шӯъбаи гуногуннамудии растаниҳо ва ҳайвоноти ҳамин институт мебошад. Оид ба омӯзиши захираҳои хӯроки чорво дар шароити баландкӯҳ, эрозияи хок ва роҳҳои пешгирии он, истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо дар шароити Помир, растаниҳои худрӯи хӯроки чорво ва ғ. зиёда аз 120 таълифоту тавсияномаҳо дорад.

Ос.: Растаниҳои худрӯи хӯроки чорвои Помири Ғарбӣ, Д., 1993; Маҳсулнокии растаниҳои хӯроки чорво дар Помир, Д., 1993; Возделывание ржи многолетней на Западном Памире, Д., 1998; Использование пастбищ и создание сенокосов в условиях Восточного Памира, Хорог, 2006.

«АҚОЙИДИ НАСАФӢ», асарест доир ба масъалаҳои илоҳиёт ва фиқҳ, ки онро Наҷмуддин Абуҳафси Насафӣ (1068 – 1142) навишта буд. Шарҳу тавзеҳ ва тафсири «А. Н.»-ро Саъдуддин Масъуди Тафтозонӣ (1320 – 92) ба ҷо овардааст. Таълими «А. Н.» дар мадрасаҳои Осиёи Миёна ва тамоми олами ислом дар асоси матни ҳамин матни тафсири Тафтозонӣ сурат мегирифт.

АҚОҚИЁ (Robinia pseudoacacia), як навъ дарахти ороишӣ. Қариб дар ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон меруяд. То 16 м қад мекашад, решааш устувор. Қутри шоху навдаи як дарахти А. дар якҷоягӣ то 9,5 м мешаванд; пӯстлохи шоху навдаҳояш дорчинии тира, навдаҳои яксолааш аз сабз то дорчинии сурхча. Баргаш паршакл, дароз (12 – 24 см), думчааш кӯтоҳ (1,5 – 3,5 см), то ох. тирамоҳ намерезад. Ниҳолаш баъди 4 – 7 сол гул мекунад. Хӯшагулаш сафед, хушбӯй (дарозиаш 7 – 11 см). Меваааш ғилофакмонанд, 4 – 10 дона тухм дорад; тухмаш сабз ё дорчинӣ. А. дарахти рӯшноипарвард аст; ба камобӣ тоб меорад. Дар замини нарм ва ҳосилхез нағз рушду инкишоф меёбад (ниҳолаш то 8 – 10-солагӣ босуръат месабзад). Аз гули А. глюкозиди робинин, равғани эфир, аз баргу гулаш ранг, аз тухмаш равған ва аз пӯстлоҳу чӯбаш моддаҳои даббоғӣ мегиранд. Гули А. хеле сершаҳд буда, барои *занбӯрпарварӣ* аҳамияти калон дорад.




Шохчаи гулдори ақоқиё.

Дар тибби қадим А. барои муолиҷаи як қатор бемориҳо истифода мешуд. Абуалии Сино А.-ро барои муолиҷаи таб, гулмижа ва хирашавии чашм, ҷароҳати милки дандон, хунбалғамӣ, захми рӯда, боди фатақ (дабба), фаромадани бачадон, ҷароҳатҳои сӯхтагӣ ва ғ. давои хуб ҳисобидааст. Дар тибби муосир гули А. барои табобати бемориҳои пешобдон, гурда, санги гурда ва шошадон, амрози меъдаю рӯдаҳо, тромбофлебит, радикулит, миозит, остеохондроз, тарбод, невралгия, грипп, сулфа ва илоҷи захмҳо кор фармуда мешавад. Истеъмоли ҷӯшоби гарми пӯстлохи шохаҳои нави А. барои давои туршии меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, қабзияти шикам нофеъ аст. Алкалоиди робинин, ки дар таркиби узвҳои гуногуни А. вуҷуд дорад, захрнок мебошад. Бинобар ин ҳангоми истифодаи давоҳои аз А. таҳиягашта эҳтиёт бояд шуд. А. барои сабзкорӣ, мустаҳкам кардани нишебиҳо ва чун дарахтзори муҳофизи боғоту токзор истифода мешавад.

Ад.: Колесников А. И., Декоративная дендрология, М., 1960; Качалов А. Л., Деревья и кустарники, М., 1970; Бухарев Г. Ф., Куйиков Н. С., Альбом пчеловода, М., 1971; Флора Таджикской ССР, т. 5, Л., 1978.

АҚРА́Б (ар. Каждум, лот. Scorpius), 1) бурҷи ҳаштум аз бурҷҳои дувоздаҳгона, мавқеаш дар мадори Офтоб сектори 210° то 240° аз рӯзи эътидоли баҳорӣ, ишорааш ♏. Офтоб дар бурҷи А. аз 24 окт. то 22 ноябр мемонад. Дар илми нуҷум будани Моҳ дар бурҷи А. наҳс ҳисоб мешуд. Ин хосияти А. дар назми классикии тоҷик хуб истифода шудааст. Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:



Бурҷи Ақраб дар атласи мусири бурҷҳо.

Гуфтам, ки: «Ибтидо кунам аз бӯса», гуфт: «Не», Бигзор то ки Моҳ зи Ақраб бадар шавад.

2) яке аз 88 бурҷи осмони ситоразор, ки байни бурҷҳои Қавс (Камон) ва Тарозу (Мизон) дар Роҳи Каҳкашон воқеъ шудааст ва 162 ситора дорад. А. бурҷи қадима буда, дар қатори 48 бурҷ ба «Алмаҷастӣ»-и Батлимуси Қализӣ (Клавдий Птоломей, 87– 165) дохил карда шудааст. Офтоб ба А. 22 ноябр ворид гардида то 27 ноябр он ҷо мемонад ва 20 рӯзи боқимонда дар бурҷи Морафсо (Ophiuchus, Змееносец) таваққуф мекунад. Аз рӯи тасвири бурҷ дар сар, тана ва думи А. 15 ситораи дурахшон ҷойгир шудаанд, ки муниртарини онҳо Қалби Ақраб (Антарес, 0,86–1,06^{m}) аст. Ин ситораи дукӯшаи сурх буда, ба Миррих шабоҳат дорад. А.-ро моҳҳои май - июн пурра дидан мумкин аст; 3) номи моҳи ҳаштуми солшумории хуршедӣ (шамсӣ), ки ба 23 окт. – 21 ноябри тақвими григорианӣ рост меояд.

М. Холов.



Бурҷи Ақраб дар дастхатҳои шарқӣ.



Акҳавон.

АҚРА́Б,ниг. *Каждум.*

АҚҲАВО́Н, (Matthiola) гули ақҳавон, уқхувон, навъе аз растаниҳои як ё бисёрсолаи ороишӣ. Дар Тоҷикистон 5 намудаш (M. bucharica. M. Chenopodiifolia, M. integrifolia, M. obovata, M. Czerniokovskae) мерӯяд. Пояш рост, баргаш борики нештаршакл ё дарозрӯя (канораш ҳамвор ё паррадор). Гулҳои дучинсаи сода ё сербарги якранг ва ё гуногунранг (сафед, зардча, қаҳваранг, гулобинамо ва ғ.) дорад. Дар гулбоғу хиёбонҳои шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ 2 намуди А. – А.-и боғӣ (M. incana) ва шаббӯй (M. bicornis) чун гули ороишӣ парвариш карда мешавад. А.-и боғӣ навъҳои зиёд дорад. Баъзе навъҳои А.-и боғӣ аҳромшакл буда, 35 – 160 см қад мекашанд. Олимон навъҳои нави А.-ро офаридаанд, ки сергулу зебо буда, аз авв. баҳор то сармои тирамоҳ, дар гулхонаҳо бошад, тамоми сол шукуфта тухм мебанданд. Барои интихоби навъи дилхоҳи А. тухми нешзадаи онро 2 –3 шаборӯз дар хонаи салқин (7 – 12°С) нигоҳ медоранд. Аз тухми нешзадаи тухмпаллааш зардча ниҳолҳое мерӯянд, ки гулбаргаш бисёр аст; аз тухмии нешзадаи тухмпаллааш сабз бошад, ниҳолҳои гулашон 4-гулбарга месабзанд. Барои нашъунамои мӯътадили А.-и боғии наврӯста гармхонаро тез-тез шамол дода, гоҳ-гоҳ об мондан лозим. Ниҳолҳои кӯчатбобро дар гармхона аз рӯи тартиби 3 х 3 см мешинонанд. Кӯчатҳои минбаъдаро ба тубакҳои қутрашон 7 – 9 см шинонда, дар гармхона мегузоранд. А. дар замини офтобрӯяи намиаш мӯътадилу ҳосилхез хуб нашъунамо мекунад. Онро дар замини сернам ва нав поруандохта парвариш намекунанд, зеро ин боиси пайдоиши касалии фузариоз мегардад. Тухмии дар гармхона моҳи март нешзада тобистон, тухмии моҳи май кошта, тирамоҳ ва тухмии моххои июл – авг. кошта баҳори соли оянда гул мекунад. Кӯчати А.-ро дар миёнаҳои моҳи апр. ва авв. май аз рӯи тартиби 20 х 30 см мешинонанд. Тухмии А.-ро 5 сол ва аз ин ҳам зиёд нигоҳ доштан мумкин.

Ад.: Декоративные растения СССР, М., 1986.

АҚЧА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Носири Хусрави ноҳ. Қубодиён. Аз А. то маркази ноҳия 1 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 3342 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АЛАБЕРГЕ́НОВ Ботир Нурматович (тав 9. 5. 1941, ш. Тошҳавзи Ҷумҳурии Туркманистон), рассом, Арбоби ҳунари Тоҷикистон (2002). Хатм-кардаи Донишкадаи театрӣ-бадеии ш. Тошканд (1973). Солҳои 1973 – 84 муаллими Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов, 1984 – 2003 муаллими ДДСТ ба номи М. Турсунзода ва ҳамзамон рассоми Фонди бадеии Тоҷикистон. Аз с. 2004 нафақагир. А. дар лавҳанигорӣ, кошикорӣ, нақшакашии бадеӣ муваффақ шудааст. Дар бораи ҳаёти рӯзмарраи мардум, мавзӯъҳои ҳарбӣ, манзараҳои гуногуни Тоҷикистон асарҳо офаридааст. Лавҳаҳои «Нома», «Нақли ҷанговар», «Бинокорони Норак», «Трактрчӣ», «Боғбон», «Роҳсозон», «Бузкашӣ», «Падарони мо», «Адиб» (дар бораи С. Айнӣ), «Тиллои сафед», «Суруд», «Маҳви бесаводӣ», «Бригадаи зарбдор», «Шоҳмотбозон» аз ҳунари баланди нигорандагии А. шаҳодат медиҳанд. Кинотеатри «Ворух» (ш. Исфара), корхонаи пахтатозакунии ш. Хуҷанд, «Кохи ваҳдат» (ш. Душанбе) ва дигар иншоотро оро додааст. Дар тарбияи рассомони ҷавон саҳми калон гузоштааст.



«АЛ-АБНИЯ АН ҲАҚОЙҚ-ИЛ-АДВИЯ» («Асоси ҳақиқати доруҳо»), асари табиби форс-тоҷик Абумансур Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ. «А.» бо номҳои «Равзат-ул-унс ва манфиат-ун-нафс», «Адвияи Абумансур», «Ҳақоиқ-ул-адвия» низ маълум аст. «А.» шомили ду бахш: муқаддимаи мухтасар ва шарҳи доруворихост. Дар муқаддима ба таври иҷмолӣ қазияҳои мубрами ба доруву дармонҳо иртиботдоштаи тибби асримиёнагӣ, маъхази мавриди истифодаи муаллиф, бартарии дармонҳои тибби ҳиндӣ, дарачаҳои мизочи давоҳо, ғизоҳо, захрҳо ва дигар масоили умумӣ баррасӣ гардидааст. Дар бахши дуюми «А.», ки аз хусуси се манбаи маводи доруворӣ баҳс мекунад, мувофиқи алифбои арабӣ шарҳи доруҳо арзёбӣ гашта, роҷеъ ба хусусияти шифоии гиёҳҳо, маъданҳо, захрҳо, гӯштҳо, обҳову бухорҳо, ширу равғанҳо маълумот зикр шудааст. Дар «А.» аз 584 номгӯи доруи арзёбигардида 465 адади он доруҳоеро дарбар мегиранд, ки сарчашмаи онҳо гиёҳҳост. Муаллиф кулли маводи доруворирo (ба истиснои доруҳои маҳаллӣ) аввал ба забони арабӣ ва баъдан ба форсӣ медиҳад, вале, баробари ин, мавридҳои бо се забон: арабӣ, юнонӣ ва форсӣ овардани номи доруҳо низ дар асар ҷой доранд. Дар «А.» номи як силсила растанӣ ва бемориҳо зикр гардидааст, ки онҳо то имрӯз дар забони тоҷикони Осиёи Марказӣ дар гардиш қарор доранд. Дар «А.» хусусияти давоии гиёҳҳое баррасӣ гардидааст, ки аҳлабашон аз даврони бостон дар Эрону Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон парвариш карда мешаванд.

Илова бар ин муаллиф дар бораи 63 навъи равғани растанӣ маълумот додааст, ки дар тибби форсу тоҷик барои муолиҷаи бемориҳо фаровон истифода мегаштанд. Ин равғанҳоро аз барги садбарг, бунафша, наргис, ёсуман, райҳон, шибит, пудина, мағзи чормағз, писта, бодом, талхакбодом, шафтолу, кунҷид ва ғ. мекашиданд. Ин асар дар таърихи тибби ҷаҳонӣ ҳамчун фармакопея машҳур гардидааст. Ҳоло дар китобхонаи Вена як нусхаи аслӣ ва қадимаи «А.» маҳфуз аст, ки тибқи қайди дар охири китоб омада онро олим, шоир ва хаттоти а. 11 Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тусӣ нусхабардорӣ намудааст. Аз рӯи ин нусха с. 1859 Ф. Р. Залеман «А.»-ро ба забони лотинӣ тарҷума ва чоп кард. Соли 1893 асари мазкур дар шаҳри Дерите (Тарту) аз ҷониби А. Ахундов ба немисӣ тарҷума шуд ва ба нашр расид. Ба забони форсӣ-тоҷикӣ «А.» ду маротиба дар ш-ҳои Вена (1859) ва Теҳрон (1966) чоп гардидааст.

Ад: Абумансури Муваффақ, Гиёҳнома, Д., 1989; Муваффакуддин Абумансур

Алии Ҳиравӣ, «Ал-абния ан ҳақоиқ-ил-адвия ё Равзат-ул-унс ва манфиат-ун-нафс», Т., 1371.

А. Ҳасанов.

АЛАВИЯ́, як фирқаи шиъа, ки а. 9 дар Сурия дар натиҷаи ихтилофи байни рӯҳониёни шиъа барои тахти имомат пайдо шудааст. А.-ро аз номи асосгузораш Ибни Нусайр *нусайрия* низ мегӯянд. Пайравони А. имоми нахустини шиъа ва халифаи чаҳорум *Алӣ ибни Абитолибро* тимсоли Худо дониста, вайро ҳатто аз Муҳаммад пайғамбар боло медонистанд. Таълимоти А. унсурҳои масеҳият ва дигар динҳои қадимаро ҳам шомил буд. Эътиқод ба се шахси муқаддас (Алӣ, Муҳаммад ва Салмони Форс) доштанд. Алавиён таносухро эътироф мекунанд ва мӯътақиданд, ки рӯҳи алавиён қабл аз ба тан пайвастан ситора буда, баъд аз вафот рӯҳи алавиёни содиқ ба ситора ва рӯҳи мунофиқон ба тани ҳайвон ворид мешавад. Алавиён илова бар иду маросимҳои мусулмонӣ баъзе идҳои масеҳият (мавлуди Исо, Салоса, Башорат ва ғ.)-ро низ ҷашн мегиранд. Гурӯҳе аз пайравони имомҳои алавӣ (зайдӣ), ки дар ҳудуди Яман ҳукумат дошта, насабашонро ба имом Ҳасан ва Ҳусейн мепайвастанд, муддате дар ш-ҳои соҳили Баҳри Хазар (Дайлам, Гелон, Табаристон) давлати мустақили худро таъсис доданд, лекин он дер давом накард. Сомониён давлати онҳоро шикаст дода, пайравонашонро пароканда карданд. Пайравони А. ҳоло дар Сурия ва Туркия мавҷуданд.

Ад.: Беляев Е. А., Мусульманское сектанство, М., 1957; *Х. Додихудоев.*

АЛАВӢ Муҳаммадносир (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Дар *«Лубоб-ул-албоб»*-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ аз ӯ бо унвони акмалушшуаро ёд шудааст. Дар дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (ҳукмр. 1117 – 52) хидмат мекард. Ба қавли Муҳаммад Авфӣ А. ашъорашро тадвин накарда буд. Аз А. инчунин шоири мутасаввиф *Саноӣ* дар маснавии «Корномаи Балх» ёд кардааст. Аз намунаҳои боқимондаи ашъораш бармеояд, ки А. дар истифода аз санъатҳои тарсеъ, таҷнис, муроотунназир ва ғ. моҳир будааст.

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1335, ҳ. ш. *Ҳ. Қаландаров.*

АЛАВӢ Муҷтабо Бузург (тав. 2. 2. 1904, Теҳрон – 17. 2. 1997, Берлин), нависандаи эронӣ. А. маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар Теҳрон гирифта, с. 1922 ба фак-ти филологияи Донишгоҳи Берлин дохил шуд ва забонҳои немисӣ, англисӣ ва франсавиро омӯхт. Соли 1928 баъди бозгашт ба Эрон дар Рашт зиндагӣ карда, баъдтар ба Теҳрон омад ва дар яке аз омӯзишгоҳҳо муаллими забони немисӣ таъйин шуд. А. мақ. «Дунё»-ро таъсис кард (1933). А.-ро барои фаъолияти сиёсию иҷтимоӣ ва мақолаҳои тезутунди публитсистиаш ҳабс карданд (1937 – 1941). Баъди аз маҳбас озод шудан ба корҳои сиёсӣ, адабию илмӣ пардохт, бо мақ. ва рӯзномаҳои «Сухан», «Паёми нав», «Кабӯтари сулҳ», «Рамзи Одина» ҳамкорӣ кард ва осори бадеиашро дар саҳифаҳои ин нашрияҳо ба табъ расонд. А. дар натиҷаи табаддулоти ҳарбию иртиҷоӣ Эронро тарк карда ба Германия рафт ва дар Донишгоҳи Берлин аз забону адабиёти форсӣ дарс гуфтааст (1953). Мақм. нахустини новеллаҳои А. «Ҷомадон» с. 1934 дар Теҳрон, мақм. дуюмаш с. 1941 бо номи «Варақпораҳои зиндон» нашр шудаанд. Ёддоштҳои маҳбусии нависанда бо унвони «Панҷоҳу се нафар» (1942) ба табъ расид, ки дар онҳо зиндагии 53 нафар муборизони Эронро ҳақиқатнигорона ба қалам додааст. Мақм. дигараш бо номи «Номаҳо» (1952) низ ба табъ расидааст. Ин мақм. бо медали тиллои Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ ноил гардидааст. Дар авв. с-ҳои 50 а. 20 А. ба жанрҳои эпикӣ рӯ оварда, романи «Чашмҳояш»-ро (1953) нашр мекунад, ки дар адабиёти муосири форсӣ яке аз беҳтарин асарҳои иҷтимоист. Як қатор асарҳои публитсистии А. дар Германия ба табъ расидаанд: «Эрони мубориз» (1955), «Нафти хунин» (1956), «Кишвари гулу булбул» (1957), новеллаи «Девори сафед» ва ғ. А. таълифоти адабиётшиносӣ ҳам дорад, ки маъруфтарини онҳо «Таърих ва инкишофи адабиёти муосири Эрон» (1961) аст. А. як силсила осори нависандагони рус (Чехов, Горкий, Маршак) ва Европа (Свейг, Шиллер, Шоу ва дигарон)-ро ба забони форсӣ тарҷума ва нашр кардааст. Мақм. новеллаҳои А. бо номи «Девори сафед» ба забони тоҷикӣ (1972) чоп шудааст. Осори А. ба забонҳои арманӣ, озарӣ, гурҷӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Ад.: Комиссаров Д. С., Очерки современной персидской прозы, М., 1960. *М. Азизӣ.*

«АЛАДДИ́Н», ҳафтаномаи кӯдакон ва наврасон. Аз 14 апр. 2000 бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад. Муассисаш ҶММ «Чархи гардун». А. дар баланд бардоштани тафаккури зеҳнии бачагон нақши муҳим мебозад. Дар саҳифаҳои ҳафтанома кроссворду чайнворд, филворду криптограммаҳо чоп мешаванд, инчунин дар бораи ачоиботи олам ва ситораҳои санъату варзиш маълумоти ҷолиб медиҳад. Адади нашраш 3 ҳаз. нусха (2010).

АЛ-АЗҲА́Р (ар. – тобон), Ҷомеъ-ул-Азҳар, куҳантарин ниҳоди омӯзишӣ-динии бозмонда аз рӯзгори Фотимиён дар Миср, ки ҳамзамон бо таъсиси ш. Қоҳира бунёд ниҳода шуд ва бо гузашти беш аз ҳазор сол ва рӯёрӯӣ бо бисёре аз дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ба унвони яке аз пуровозатарин донишгоҳҳои исломии мавҷуди ҷаҳон ба ҳаёти илмӣ-омӯзишии худ идома медиҳад.

Созанда ва муассиси Ҷомеъ-ул-Азҳар Ҷавҳар Котиби Сиқилӣ (Ситсилӣ), сардори нерӯманди Ал-Муъиз ли-дин-ил-Лоҳ (ҳукмр. 952 – 976 м) – чаҳорум халифаи Фотимӣ буд. Ӯ Масҷид-ул-Азҳарро бо фармони халифа дар ҷанубии шаркӣ ва сӯи қиблаи қасри халифа дар миёнаи маҳаллаи турку дайлам бино ниҳод. Бинои А. 4 апр. 970 оғоз шуд ва дар 22 июни 972 анҷом ёфт: дар ҳамон рамазон нахустин намози ҷумъа дар он иқома шуд. Сабаби чун А. шӯҳрат ёфтани ин Ҷомеи бузург нисбати он ба духтари Расули Худо – Фотимаи Заҳро буд. Давраи ҳукумати Ал-Азиз биллоҳ, писар ва ҷонишини Ал-Муъиз, оғози барномаҳои омӯзишӣ ва парвариши насле ошно ба низоми фиқҳии фотимиён буд, ки ба тадриҷ ҷойгузини низоми фиқҳии мазоҳиби роиҷи аҳли суннат дар қаламрави исмоилиён мешуд. Қозӣ Абуҳанифа, Нӯъмон ибни Муҳаммад (ваф. 974), фақеҳи моликимазҳабе, ки ба шиъа гароида буд, китобҳои «Ифтитоҳ-уд-даъва», «Шарҳ-ул-ахбор», «Ал-иқтисор» ва осори дигарро дар фиқҳи исмоилӣ навишта, бо таълифи китоби «Ихтилоф-ул-фуқаҳо» мазҳаби аҳли байтро бар асоси мабонии эътиқодии исмоилия устувор сохт. Пас аз вай писараш Абулҳасан Алӣ ибни Нӯъмон (ваф. 984) – нахустин қозиюлқузоти Миср дар асри Фотимиён, дар моҳи сафари 365 ҳ. қ. ба фармони Ал-Азиз ҳамроҳи гурӯҳе ба А. рафт ва ба имлои «Китоб-ул-иктисор», аз навиштаҳои падараш пардохт. Илова бар ин вазир Абулфараҷ Яъқуб ибни Юсуф, маъруф ба ибни Киллис бо



Миср. Донишгоҳи Ал-Азҳар.

мувофиқати халифа барои гурӯҳе аз фақеҳон маоше таъйин намуд ва барои зиндагии онон дар канори Ҷомеъ хонае сохт. Кумакҳои молии ин вазир ва халифа Ал-Азиз боиси равнақи А. ва ривоҷи омӯзишҳои он гардид.

Дар замони Ал-Ҳоким биамриллоҳ (996 – 1020 м) бинои масҷиди наве ба номи Ҷомеъ-ул-ҳокимӣ шӯҳрат ёфт, ки суннати эроди хутба ва иқомаи намозро дар Ҷомеъ-ул-Азҳар барҳам дод. Пас аз он Ал-Ҳоким намози ҷумъаеро дар ҷамоати хеш ва дигар ҷумъаҳои моҳро дар А., Ҷомеи Ибни Тулун ва Ҷомеи Миср (Фустот) мегузорид. Бо ин ҳама навсозиҳо ва ирсоли ҳадяҳои арзанда, аз ҷумла китобҳо ба китобхонаи навбунёди А. интиқоли бисёре аз китобҳои Кохи хилофат ба ин китобхона ва таъйини мавқуфот аз таваҷҷӯҳи хоси ҳоким ба ин Ҷомеъ нишон дошт. (Суютӣ, ҷ. 2 саҳ. 251 – 252.)

Бунёди Дор-ул-илм ё Дор-ул-ҳикма (дуюмин ниҳоди омӯзишии фотимӣ) ба фармони Ал-Ҳоким дар Қоҳира то андозае аҳамияти А.-ро коҳиш дод. Инқирози Оли Бувайҳ дар Эрону Ироқ ва чирагии салҷуқиёни пуштибони хилофати аббосӣ дар сустии бунёди давлати фотимиён ва раванди илмӣ-омӯзишии А. таъсироти боризе дошт.

Муҳимтарин манбаъҳои молии А. дар асри фотимиён, мавқуфоти давлатию хусусӣ ва садақоти нақдӣ ва ҷинсӣ буданд. Он девоне хос дошт ва қозиюлқузот ба он назорат мекард. Рӯзии устодон, донишҷӯён ва дигар дастандаркорон низ аз хазинаи хароҷот нигаҳдорӣ ва навсозии А. аз ин даромадҳо таъмин мегардид. Ин шева то авв. а. 20 идома дошт. Масъулияти илмӣ-омӯзишии А.-ро машоих ва пешвоёни мазҳабӣ, барпо намудани ҷашнҳо, сӯгвориҳо ва умури таблиғиро доъӣ-уд-дуъот, навсозӣ ва бахшишҳои молиро хулафо, амирон ва вазирон бар ӯҳда доштанд. Муҳимтарин фаъолиятҳои Ҷомеъ-ул-Азҳар дар давраи Фотимиён ба ин тартиб буд: эроди хутба ба номи халифагони фотимӣ, афзудани иборати «ҳайю-ало-хайрул-амал» дар азон, барпо доштани сӯгвории ошурои Ҳусайнӣ, барпоии Маҷолис-ул-Ҳикма дар ҳузури халифа, вазирон ва донишмандон барои ташкили маҷолиси дарс, чароғонӣ ва куруҳонии шаби аввал ва нимаи рачаб, аввал ва нимаи шаъбон, ки гоҳ халифа ва хонадонаш дар он ширкат доштанд ва ба вижа омӯзишҳои исмоилӣ дар канори улум ва фунуни роиҷ дар аср.

Ҳасан ибни Завлоқ (ваф. 996), Аҳмад ибни Абулаввом (қозии Миср дар замони Ал-Ҳоким), муаррихи бузурги Миср Амир Мухтор Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Мусаббиҳӣ (ваф. 1029), муҳандис ва физикадони номии ислом Ибни Ҳайсам ибни Ҳасани Басрӣ, донишмандони бузурги асри фотимӣ Абуабдулло Муҳаммади Қузоӣ (ваф. 1062) аз аз ҷумлаи мударрисон ва қозиён ё донишомӯхтагони барҷастаи А. дар ин давра будаанд.

А. дар аҳди Айюбиён (1172 – 1272): Салоҳуддини Айюбӣ пас аз марги халифа Ал-Озиди Фотимӣ (ҳукмр. 1162 – 72 м.) мазҳаби аҳли суннатро аз нав дар байни ҷомеаи мисрӣ расмият дод. Дар давраи ҳукумати садсолаи Айюбиён эътибори аввалаи А. коҳиш ёфт. Аз ин пас, А. бо тағйири шеваи барномаҳои омӯзишӣ – таблиғӣ дар шумори яке аз ниҳодҳои омӯзишии мазҳабҳои аҳли суннат даромад. Муҷодилоти фирқаӣ сабаб шуд, ки маводи дарсии А. ба улуми динӣ ва масъалаҳои фиққию ҳодисӣ маҳдуд шавад. Ҳузури бузургтарин сарояндаи ашъори ирфонӣ ба забони арабӣ Абуҳафс ибни Фаризи Мисрӣ (ваф. 1235) дар А. ва ширкати бисёре аз ҳаводорони тасаввуф дар маҳзари ӯ нишонаи равнақи омӯзишҳои суфиёна дар А.-и аҳди Аюбиён будааст. Қосим ибни Файрам Шотибии Зарир (ваф. 1194) – пешвои ҳориёни Миср ва олим дар наҳв ва луғат, Ҳасан ибни Хатири форсӣ – фақеҳи бузурги ҳанафӣ, ки дар риёзиёт, тиб, тафсир ва луғот низ олиме тавоно буд ва Абумуҳаммад Қосим ибни Алӣ ибни Асокир аз ҷумлаи мударрисони А.-и ин давра будаанд.

А. дар замони мамолики туркзабони баҳрӣ (1250 – 1382), бо вуҷуди бегонагии онон бо адаби араб ва улуми исломӣ, ҳамчун пойгоҳу нигаҳбони улуми исломӣ шӯҳрат ёфт. Малик Зоҳири Бийбарс (1260 – 77) А.-ро мисли дигар вайронаҳои бақомонда аз ҷанғҳои салибӣ дар Миср навсозӣ ва мавқуфоташро эҳё кард. Сипас бо ахзи фатвое аз фақеҳони ҳанафӣ, пас аз 100 соли вақфа, дар ҷумъаи 18 рабеъул -аввали 665 хутба ва намози ҷумъа дар ин Ҷомеъ аз нав иқома шуд. Таъйини устодони фиқҳ, ҳадис ва илоҳиёт, таъмини зиндагии мударрисон ва толибилмон, интихоби имоми ҷамоат, эълони аҳкоми давлатӣ барои амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар А. ва навсозиҳои пай дар пайи он нишонаи таваҷҷӯҳи ҳукмронони ин силсила, махсусан Бийбарс, Ал-Мансур Сайфиддини Қаловун ва Маликулашраф Салоҳиддин ба А. ва бозёфти эътибори аздастрафтаи ин ниҳоди бузурги аҳди фотимӣ будааст. Дар замони Малик Носир дар баробари бозсозии харобиҳои ба А. воридшудаи зилзилаи с. 702 ҳ. қ., яке аз амирони вай ба номи Алоуддини Тийбарс барои тадриси фақеҳони шофеӣ дар қисми ғарбии А. мадрасаи Тийбарсияро сохт. Ин мадраса, ки бо гузашти замон дар даруни А. воқеъ шуд, баъдҳо ба китобхонаи ин Ҷомеъ табдил ёфт. Таъсиси мадрасаи Оқ Буғовия дар тарафи чапи А. ва рӯ ба рӯи Тийбарсия, ки он ҳам баъдҳо бахше аз китобхонаи А. шуд ва бинои ҳуҷраҳо барои дарси Қуръони кӯдакони ятим аз дигар иқдомоти анҷомгирифтаи ин давра будааст.

Аз гузориши Ибни Батута чунин бармеояд, ки касоне чун Шарафуддини Исо ибни Масъуди Завовии Моликӣ (ваф. 1342) – мударриси фиқҳ ва ҳадис ва Қувомуддини Кирмонӣ – соҳиби фатво дар тамомии мазоҳиби аҳли суннат дар А. маҷолиси дарс доштаанд. Ишораи Ибни Батута ба ҷомаи пашмин ва хашин (дурушт) ва амомаи пашмии сиёҳранги Кирмонӣ пӯшиши як устоди Азҳарӣ дар он даврараро нишон медиҳад. Дар с. 818 ҳ.қ. шумори толибилмони муқими А. дар равоқҳои аҷамӣ, мағрибӣ, зайлавӣ беш аз 750 нафар будааст, ки аз хайрот ва садақоти афроди некӯкор низ бархурдор буданд.

А. дар асри Усмонӣ: Султон Салими I (918 – 926 ҳ. қ.), силсилаи мамолики Мисрро барандохт ва хутбаи намози ҷумъа дар Ҷомеъи А. ба номи ин Султони Фотеҳи Усмонӣ, ки худро халифаи мусулмонон мепиндошт, хонда шуд. Аз нимаи дуюми а. 17 ҳукмронони Усмонӣ, яке аз донишмандони машҳури улуми диниро бо унвони шайх ба риёсати А. бармегумоштанд. Ин суннати машихаи А., ки реша дар рӯзгори фотимиён дошт, то ох. а. 19 ҳамчунон идома ёфт. Шайх Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Харашӣ (ваф. 1690), Иброҳим ибни Муҳаммади Бармовӣ (ваф. 1695) ва

Муҳаммади Нашратӣ (ваф. 1708) аз факеҳони машҳур ва нахустин машоихи А. дар асри усмонӣ будааанд. Дар ин давра раиси А. бар тамоми умури ин Ҷомеъ муваккалият дошта, ҳар як аз воҳидҳои маскунии А.-ро шайхе сарпарастӣ мекардааст. Шайхи А. аз ин ҳангом чандон эътибор дошт, ки илова бар сарпарастии ҳамаи ниҳодҳои омӯзишии Миср, аз мушовирони мавриди эътимоди давлат дар масоили муҳими ин бахш аз қаламрави усмонӣ буд. Ҳангоми таҷовузи сипоҳи Франсия ба Миср (1798) машоихи А. аз Наполеон хостанд, ки низомиёнаш бо мардум ба нармӣ рафтор кунанд. Наполеон барои ҷалби ризои онон 10 тан аз устодони А.-ро ба ташкили шӯрое фармон дод, ки риёсати онро Абдуллоҳи Шарқовӣ (ваф. 1812) – шайхи А. ба ӯҳда дошт. Аммо мисриён дар ғиёби Наполеон бар фармондеҳи низомии вай шӯриданд ва ӯро куштанд. Наполеон ночор А.-ро тирборон кард. Вале, бо вуҷуди ин нобасомониҳо дар ин давра чеҳраҳои саршиноси илмӣ монанди Аҳмади Даманҳурӣ (ваф. 1778), – адиб ва муаррих, донандаи илмҳои юнонӣ, ҳисобу ҳандаса, гиёҳшиносӣ ва пизишкӣ, шайх Муҳаммади Нашратӣ – пизишк, файласуф ва муҳандиси ошно ба улуми юнонӣ ва Шариф Қосими Тунисӣ раёсат ва ё устодии А.-ро бар ӯҳда доштанд. Бархе аз донишҷӯён ба Европа барои таҳсил фиристода шуданд ва таълими қисме аз фанҳои европоӣ дар А. роиҷ гардид. Дар асри Муҳаммад Алӣ пошо ва ҷонишинони ӯ корҳои таълимӣ вусъат гирифтанд. Пас аз Муҳаммад Алӣ сиёсати ӯ дар А. ҳамчунон идома меёфт. Дар ин замон А. 314 мударрис ва наздик ба 10 ҳазор донишҷӯ аз мазҳабҳои аҳли суннат доштааст. Саид Ҷамолуддини *Афғонӣ* ба А. рӯҳи тозаи озодандешӣ ва ватанпарастиро ворид намуд. Дар баробари ӯ шогирдаш *Абду* кори ӯро равнақ бахшид. Пас аз Абду барномаҳои ислоҳии ӯ ба воситаи Ҳасуна Навовӣ ва бархе дигар аз мудирони А. ҳамчунон идома ёфт ва аз ох. а. 19 ва ибт. а. 20 бо қонунӣ шудани ҳудуди 10 пешниҳоди ислоҳӣ иқдомоти арзандае дар идора ва омӯзиши А. ба амал омад.

А. то нимаи авв. а. 20 ҳанӯз гирифтори нобасомониҳои молӣ, омӯзишӣ ва карахтии фикрӣ буд ва боздеҳи илмии донишҷӯён пас аз гузарондани 12 сол дар зинаҳои мухталифи таҳсилӣ бисёр ночиз будааст.

Мутобиқи қонуни с. 1911 батасвибрасида ҳайате иборат аз раиси А. ва намояндаи ӯ, муфтии Миср, устодони барҷастаи донишгоҳҳо, намояндагони вазорати дорої ва додгустарӣ, маориф, авқоф ва 4 тан аз донишмандони номдор ва устодони машҳур бо унвони «Маҷлис-ул-Азҳар-ал-аъло», идора ва назорат бар кори А.-ро бар ӯҳда гирифтанд. Дар с. 1910 А. 10 ҳазор донишҷӯ дар таълимоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ, 177 синфхона ва 316 мударрис дошт. Соли 1930 бо қарори Фуод – подшоҳи Миср А. ба донишгоҳи ҷомеъ ва воқеӣ мубаддал шуд. Таълимоти олӣ дар се донишкадаи усули дин, шариати исломӣ ва забони арабӣ барқарор гардид. Бархе аз донишомӯхтагони ин давра ба хориҷ фиристода шуданд ва бо таъсиси чопхона нахустин нашрияи А. бо унвони «Нур-ул-Ислом» ва сипас ба номи «Маҷаллот-ул-Азҳар» мунташир шуд. Соли 1961 «Қонун оид ба тавсиаи донишгоҳи Ал-Азҳар» қабул шуд. Мувофиқи ин қонун имоми аъзам ва вазири шууни донишгоҳро президент таъйин мекунад. Яке аз нуктаҳои муҳими ин қонун дар А. ташкил додани фак-тҳои ғайридинӣ буд. Дар А. ҳамагӣ 9 фак-т (илоҳиёт ва асосҳои дин, шариат, адабиёт, тиҷорат ва шууни идорат, политехникӣ, хоҷагии қишлоқ, тиб, педагогӣ ва занона) амал мекунад. Дар давраи президентии Ҷамол Абдунносир фаъолияти уламои Академияи омӯзиши исломӣ ба минбари тарғиботи муттаҳидшавии мусулмонҳо, муборизаи зиддиимпериалисӣ ва аз рӯи мавқеи исломӣ асоснок кардани «сотсиализми арабӣ» табдил ёфта буд. Дар ибт. с-ҳои 70 а. 20 гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки А.-ро ба донишгоҳи соф динӣ табдил доданӣ буданд. Ҳоло бошад он яке аз марказҳои асосии барои мамлакатҳои мусулмонӣ тайёр намудани ходимони дин мебошад. Дар А. Академияи омӯзиши мероси исломӣ ва як қатор ин-тҳою муассисаҳои динӣ низ амал мекунанд. Таълим дар А. се гуна аст: ибтидоӣ, миёна ва олӣ. Муддати таҳсил дар ҳар қисм 4 – 5 сол мебошад. А.-и замони муосир маҷмӯи ин-тҳои динию илмиест, ки мақсади он ҳимояи шариат, омӯхтани илмҳо ва нашри осори исломӣ мебошад. Дар назди А. Шӯрои олии он амал мекунад, ки вазифааш танзими дарсҳо, машғулиятҳо ва назорат ба рафти таълим мебошад. Шайхи А. саримоми диндорон ба ҳисоб меравад.

Истифода аз вуҷуди шахсиятҳои илмие чун Муҳаммад Мозӣ, Муҳаммад Баҳӣ, Муҳаммад Фиҳҳом ва Маҳмуд Ҳуббуллоҳ, ки даврaҳои тахассуси илмиро дар Ғарб гузаронда буданд, барои идораи ин донишгоҳ аз ҷумлаи иқдомотест, ки дар ростои эҳёи тафаккури илмӣ ва татбиқи он бо омӯзишҳои суннатии А. анҷом гирифтааст. Соли 1961 ба асоси қонуни нав созмони марказии А. аз 4 ташкилот - «Ал-маҷлис ал-аъло ли-л-Азҳар», «Маҷмаъ-ул-буҳус-ал-исломия», «Идорат-ус-сақофа-ва-л-буҳус-ал-исломия», «Ҷомеат-ул-Азҳар ва ал-Маоҳид ал-Азҳария» ва 6 донишкада – шариат, усули дин, мутолиоти улуми арабӣ, кишоварзӣ, муҳандисӣ ва пизишкӣ ташкил шуд. Ҷомеъ-ул-Азҳар низ аз ин замон ба «Ҷомеат-ул-Азҳар» тағйири ном кард. Дар с. 1962 донишкадаи духтарон низ фаъолияти илмӣ – омӯзишии худро дар ин маҷмӯаи донишгоҳӣ оғоз кард. Дар с. 1954 ҳайати давлати Миср бунёди шаҳраки донишгоҳӣ барои истифодаи устодон ва донишҷӯёнро тадорук дод. Дар вақтҳои охир А. наздик ба 3 ҳазор донишҷӯро аз 65 кишвари хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта будааст. Ин донишгоҳ ҳанӯз ҳам дар байни донишгоҳҳои ҷаҳони ислом машҳуртарин мебошад. А. имрӯз кӯшиш дорад, ки омӯзишҳои динӣ ва суннатии роиҷ дар як ҳазор сол пешро бо донишу технологияи дунёи имрӯз пайванд диҳад.

Ад.: Ибни Батута, Сафарнома. Тарҷумаи Муҳаммад Алии Мувоҳҳад, Т., 1982; Ибни Ҳалдун, Ал-Ибар, Т., 1992; Аҳмад Амин, Зуҳр-ул-ислом, Бейрут, 1388 ҳ.-к; Ҳасан Иброҳим Ҳасан, Таърих-уд-давла-ал-фотимия, Миср, 1964; Сайфи Озод Абдурраҳмон, Таърихи Хулафои Фотимӣ, Т., 1963; Муҳаммад Тантовӣ, «Ал-Азҳар», Қувайт, 1392 ҳ. қ; Абдурраҳим Ғанима, «Таърихи донишгоҳҳои бузурги исломӣ». Тарҷумаи Нуруллоҳи Кисоӣ, Т., 1986; Суод Моҳир Муҳаммад, Масоҷиди Миср, 1971; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, ҷ. 8, чопи аввал, Т., 1999.

К. Бекзода.

АЛАЙӮН (Jnula helenium), занҷабуя, сабадсарак, гиёҳест бисёрсола. Пояш рости пашмакдор, 60 – 250 см қад мекашад. Барги бехи пояш калони паршакл (дарозиаш то 50 см, бараш 15 – 25 см), думчадароз, баргҳои мобайнӣ байзашакли нӯгтез, баргҳои болоӣ нештаршакл. Гулаш зарди забончашакл ва найчамонанд. Моҳҳои май – июл гул карда, июн – июл мева мебандад. Дар лаби ҷӯйҳо, соҳили дарёҳо, маргзори серрутубат, нишебиҳои хокию регзори кӯҳ, шағалзамин, қаъри ҷариҳо ва минтақаи бешазор мерӯяд. Дар Тоҷикистон дар мавзеъҳои Сирдарё, Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони Ҷанубию Шарқӣ (дар баландии 700 – 1900 м аз с.б.) вомехӯрад. Табибони қадими Тибет, Ҳиндустон ва Хитой А.-ро барои табобати бемо-

риҳои гуногун истифода мебурданд. Ҷолинус низ аз хосияти шифобахшии А. ёдовар шудааст. Абуалии Сино А.-ро давои тақвиятбахши дил ҳисобидааст (илтиҳоби асаби сурин ва буғумдардро табобат мекард). Агар А.-ро бо асал омехта лесанд, балғамро хориҷ месозад. Ҷӯшоби решаи А., хусусан ширааш он, пешоб ва ҳайзро меронад. А. барои рафъи ҳама гуна омосу варамҳо судманд аст. Абуалӣ Сино дар «Ал-Воҳия» овардааст, ки А. давои сардард, зиқи нафас ва киҷҷарон мебошад. Мувофиқи маълумоти «*Махзан-ул-адвия*» А. ба дил қувват мебахшад, ҳазми хӯрок ва шаҳватро беҳтар мегардонад, ба масона таъсири хуб мерасонад. А. барои молихулё, қабзияти ҷигар ва испурҷ, дарди буғумҳо, варами пай, ишиас нофеъ аст. Истеъмоли ҷӯшоби А. чакмезакӣ, ҷогаҳмезӣ ва қабзияти ҳайзро рафъ месозад. Агар 1 дирҳам (3,12 г) талқони А.-ро бо асал омехта лесанд, сулфа ва зиқи нафасро шифо мебахшад.

Табибони халқӣ ҷӯшоби реша ва решапояи А.-ро барои муолиҷаи иллати узвҳои ҳозима, сили устухон, пайвандак, зардпарвин, обхӯра, бавосир, қабзияти роҳи нафас ва чун омили иштиҳоовар, рафъсозандаи халаву боди рӯда, пешоброн, талхарон, киҷҷарон ва балғамовар тавсия медиҳанд. Дар тибби муосир решаи А.-ро ҳангоми қабзият ва сили шуш, чун доруи балғамовар ва талхаву пешоброн истифода мебаранд. Бо А. касалиҳои пӯст (экзема, шукуфа, хоришак)-ро низ муолиҷа мекунанд.

Ад.: Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

АЛА́Қ (ар. ал-Алақ – хуни баста), сураи 96-и *Қуръон*. Дар Макка нозил шуда, аз 19 оят иборат мебошад. Ба тартиби нузул сураи 1 аст. Номи А. аз ояти 4 гирифта шудааст. Аввалин чизе, ки аз Қуръон нозил шуд, панҷ ояти А. аст. Дар ғори Ҳиро *Ҷабраил* (а) ба Пайғамбар (с) зоҳир шуду гуфт: «Бихон!» Ӯ фармуд: «Ман хондан наметавонам». Ин амал се бор такрор шуд. Бори сеюм гуфт: «Икраъ би-сми Раббика-л-лазӣ халақ» – Бихон ба номи Парвардигори худ, ки офарид!!! Оятҳои дигар дар хусуси инсон, табиати ӯ, душманони Ислом, ҷазои онҳо, амри Худо дар бораи муомила бо онҳо мебошанд. Дар ояти 19 саҷдаи 14 тиловат ҳаст. Дар ояти 4 «қалам» зикр шудааст, ки муфассирон дар бораи он фикру андешаҳои мухталиф доранд, илова ба он дар Қуръон бо номи «Қалам» сураи алоҳида (68) ҳаст. Хулосаи ин гуфтаҳо чунин аст, ки Худо бо қалам навиштанро омӯзонд. Гуфтаанд, ки аввал *Одам*ро (а) таълими хат дод. Боз гуфтаанд: аввалин касе, ки хат навишт, *Идрис* (а) буд. Дар А. боз офариниши инсон аз «алақ» – «хуни баста» зикр шудааст. Ин ва ишораҳои дигари Қуръон дар хусуси офариниш яке аз пешгӯиҳоест, ки инсоният аз роҳи таҷрибаҳои илмӣ тасдиқи онҳоро танҳо дар а. 20 пайдо кард. *М. Умаров.*

АЛА́ЛИЯ (юн. *a* – ҳиссачаи инкорӣ ва lalia – нутқ), мавҷуд набудан ё маҳдудияти нутқ дар кӯдаконе, ки қобилияти шунавоӣ ва ақлии муқаррарӣ доранд. А. дар натиҷаи осеббинии маркази нутқ дар нимкураҳои калони майнаи сар ҳангоми таваллуд, инчунин то гапзан шудан ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани кӯдак пайдо мешавад. Ҳангоми А.-и ҳаракатӣ фаҳмиши нутқи муқаррарӣ то андозае нигоҳ дошта мешавад. Кӯдак кам ва нодуруст сухан мегӯяд, калимаҳоро нодуруст, нопурра талаффуз мекунад ва ҷойи овозҳоро иваз менамояд. Мас., ба ҷойи саг «ав» ба ҷойи олам «алам», ба ҷойи болға «лобға» мегӯяд. Ҷумлаҳоро ноқис ифода мекунад. Мас., «Маҳмуд хоб», «Аҳмад хӯрдан аст» ва ғ. Ҳангоми А.-и ҳиссӣ нутқ умуман вуҷуд надорад. Кӯдак мекӯшад, ки гап занад, лекин суханаш барои атрофиён номафҳум аст. Ҳолати А.-и ҳиссӣ хеле кам вомехӯрад. Кӯдаконе, ки дар натиҷаи иллатҳои гуногун нутқашон таъхир ёфтааст, то 5 – 7-солагӣ гап зада наметавонанд. Баъзан ин ҳолат то синни 12 – 13-солагӣ ва зиёдтар давом мекунад. Кӯдакони гирифтори А. аз ҷиҳати инкишофи психикӣ қафо мемонанд. Ба онҳо омӯзондани навиштану хондан дар тамоми даврaҳо душвор аст. Бинобар ин онҳоро дар мактабҳои махсус таълим медиҳанд.


Ад.: Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика, Д., 1988; Трауготт Н. Н., К вопросу об организации и методике речевой работи с моторными алаликами, дар кит. Хрестоматия по логопедии, т. 2, М., 1997; Қодиров Қ. Б., Давлатов М. Т., Расулов С. Х., Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ, Д., 2008.

АЛА́М, Эшони Файз (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (ох. а. 19 – ибт. а. 20). Дар деҳаи Дуоби ноҳ. Мӯъминобод зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аввал дар мадрасаи деҳаи Ғеши Мӯъминобод, баъдан дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил кардааст. Дар девони ашъораш (5 500 байт) шеърҳояш дар анвои гуногун – ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғ. фароҳам омадаанд. Дар пайравӣ ва сабку услуби гузаштагон – Ҳофиз, Ҷалолуддини Балхӣ, Бедил ва дигарон ғазал гуфтааст. Дар ғазалиёташ ба мавзӯъҳои ирфон, тасаввуф, панду андарз, ситоиши ахлоқи ҳамида, дурӣ ҷустан аз фиребу найранг, бо меҳнати ҳалол нон хӯрдан ва ғ. дахл кардааст. «Мунтахабот»-и А. с. 2008 бо кӯшиши Б. Латифов ба табъ расидааст.

Ад.: Латифов Б., Таносуби сухан дар шеъри Алам, мач. «Адаб», 2008, № 1.

У. Тоиров, Б. Латифов.

АЛАМӮ́Т (аз лаҳҷаи дайламии алуҳ – уқоб ва омут – омӯхт, яъне уқоб омӯхт), қалъаи бузурги мустаҳкам ва ноҳияе ба ҳамин ном дар Дайламони ноҳ. Рӯдбор. Қалъа дар Дайламон дар масофаи 35 км дар тарафи шим. шарқии Қазвин дар ноҳ. Рӯдбор ҷой гирифтааст. Рӯдбор аз номи д. Шоҳрӯд, ки аз байни он мегузарад, гирифта шудааст. Ин минтақа маркази анъанавии ҳокимони ҷустонии Дайлам буда, яке аз онҳо ин қалъаро тақр. с. 860 сохтааст. Сипас ин ноҳия ва қалъа таҳти итоати мусофириён ва то фатҳи исмоилиён дар дасти *алавиён* буд. Бино ба ривояте гӯё яке аз ҳукмронони Дайламро уқобе дар бунёди ин қалъа роҳ намудааст ва аз ин рӯ онро А. номидаанд, ки вариантҳои тасмияш низ аз ҳамин ҷост. Қалъаро, ки дар болои кӯҳи баланд (1827 м аз с. б.) пеш аз оғозшавии к.-кӯҳҳои Ҳавдигон, дар кӯҳҳои Албурзи марказӣ бино ёфтааст, дараи ҳосилхез бо кӯҳҳо аз чор тараф иҳота кардаанд. Даромадгоҳ ба қалъа фақат ба воситаи пайраҳаи танг, сарнишеб, печ дар печ аз тарафи қисми шимолии кӯҳи А. имконпазир буд. Дар ҷанубӣ қалъа сарнишебие вуҷуд дорад ва дар интиҳои он хандақе ба дарозии 50 м ва арзи 7 м дида мешавад, ки аз давраи исмоилиён боқӣ мондааст. Девори шарқӣ 20 м дарозӣ дорад. Аслан қалъа ба ду бахш тақсим мешавад: бахши ғарбӣ «Пайлоқалъа» ва бахши шарқӣ «Пиёзқалъа». Аз девори ҷанубӣ ва ғарбии ин қалъа осори каме боқӣ мондааст. Мутобиқи маълумоти Ҷувайнӣ қалъа биноҳои устуворе дош тааст. Маводи сохтмонии қалъа аз санг, хишти ниҳоят



Қалъаи Аламут.

мустаҳками пухтаи ранги сафеду сурх ва кошӣ иборат будааст. Истеҳкомоти қалъа, ки бархе аз боқимондаҳояшон ҳанӯз ҳам пойбарҷоянд, дар даврони Ҳасани Саббоҳ бунёдгузорӣ шудаанд. Қалъа воқеан ҳам фатҳнашаванда ва амалан ҳеҷ гоҳ ба воситаи қудрати низомӣ ишғол нагардидааст. Солҳои 1087 – 88 *Ҳасани Саббоҳ*, ки дар маъхазҳо ба унвони Бобо Сайидино низ ёд мешавад, ҳамин қалъаи дастнораси фатҳнопазирро аз байни чандин қалъаҳои кӯҳии Рӯдбору ҳаволии он, ки бештар аз 50 адад буданд (Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Нузҳат»), аз қабили Ламасар, Маймундиж, Боғдашт, Зуворак, Отон беҳтарин пойгоҳи худ интихоб кард. 4 сент. 1090 Ҳасан махфӣ ба қалъа ворид шуда чанд муддат бо номи Деххудо дар қалъа зиндагӣ кард. Ин замон қалъа дар дасти яке аз алавиёни Ҳусайнӣ – Маҳдӣ буд, ки аз султон Маликшоҳ (аз ҳокимони Табаршоҳ) ба мерос гирифта буд. Ҳасан ба Маҳдӣ иҷозат дод, ки қалъаро бо хушӣ тарк кунад. Ҳасан пас аз ба даст даровардани қалъа ба таъмири он пардохт; истеҳкомҳои онро мустаҳкамтар ва манбаъҳои таъмини об ва хӯрокворирро густариш дод: ҳамчунин низоми обёрӣ ва кишти ғалладонаро Ҳасан дар водии А. созмон дода, дарахтони бис ёреро (аксар мевадор) шинонд. Гирифта шудани қалъаи А. дар с. 1090 аз таъсиси самараноки давлати *Низориён* ва оғози марҳалаи нави фаъолияти исмоилиёни Эрон, ки то ин дам пинҳонӣ амал мекарданд ва дар сатр қарор доштанд, хабар дод. Минбаъд даъвати исмоилӣ дар Эрон сиёсати нави шӯриши ошкоро ба муқобили Салҷуқиёнро пеш гирифт ва фатҳи А. пирӯзии аввалин буд. Низориён ҳам акнун давлати мустақили худро таъсис доданд. Сарзамини парокандаи ин давлат асосан дар ду минтақаи Эрон – Рӯдбору навоҳии васеи Кӯҳистон ва ҳамчунин дар қисмати ҷанубии Ҷабали Баҳрои Сурия ҷойгир буданд ва пойтахти ин давлат, ки дар он ҷо пешво ва роҳбари эронии ҷамоати низорӣ иқомат дошт, А. буд. Пас аз он ки Ҳасан мавқеи худро дар А. мустаҳкам намуд, омиён ва доъиёнро ба нуқоти мухталиф бо мақсади паҳн кардани даъват фиристод. Минбаъд ба А. мутавотир Салҷуқиён бо сарварии амир Юрунтош ҳуҷум мекарданд. Пас аз чанде Маликшоҳ с. 1092 бо маслиҳати вазираш Низомулмулк лашкаре ба муқобили исмоилиёни Рӯдбор ва Кӯҳистон равон кард. Лашкар бо сарфармондеҳии Арслонтош ба А. омада онро муҳосира кард, аммо бо як шабохуни аламутиён шикаст хӯрд, вале ҳуҷумҳо то ба қатл расидани *Низомулмулк* ва фавти Маликшоҳ. ҳамоно дар дигар минтақаҳо давом доштанд. Саранҷом дар даврои роҳбарии Рукнуддини Хуршоҳ (Хайршоҳ) зимни гуфтушуниде байни Хуршоҳ ва хони муғул – *Ҳалоқу*, ки *Ҷувайнӣ* Атомалик танзимгари шартҳои таслим буд, рӯзи якшанбеи шавволи 654 мутобиқ ба 19 ноябри 1256 Рукнуддин Хуршоҳ бо гурӯҳи бузургон, аз ҷумла *Насируддини Тусӣ*, Хоҷа Асилуддини Зузанӣ, Муайядуддин аз қалъа ба зер омада таслими Ҳалоқу шуданд ва ӯ фармон дод қалъаро аввал тачассусу тафаҳҳус карда, баъд оташ зананд. Низориён дар А. солномонависон доштанд ва дар он уламои бузурге аз қабили муаррихи машҳур Насируддини Тусӣ (Китоби машҳури «Ахлоқи Носирӣ»-и дар А. навишта шуда ба Носируддин Абдурраҳмон ибни Абумансур (ваф. 1257), ки донишманд, мӯҳташим ва пешвои низориёни Кӯҳистон буд, бахшида шудааст), нуҷумшиносон ва дигар фаъолият доштанд. Ҳамчунин А. китобхонаи бузурге дошт. Ҷувайнӣ зикр мекунад, ки чӣ гуна бо иҷозати Ҳалоқу (пас аз фатҳ) китобхонаи исмоилии А.-ро, ки ҳанӯз дар даврои Ҳасан таъсис ёфта буд, бозрасӣ карда, аз он ҷо китобҳои бисёреро барои худ интихоб намуд ва дигар китобҳоро, ки ба андешаи ӯ бидъатӣ буданд, фармон дод ба дами оташ кашанд. Ҳамчунин аз А. асбобу олоти фаровони расадӣ низ ба даст омада будааст ва А. ҳамчунин зарробхонаҳо дошта, ки тангаҳои динор сикка мезаданд. Фармондеҳи муғул дар Хуросон Утеки-Чина бо амри Мангухон – хони муғул пас аз суқути А. низориёни Кӯҳистонро бо баҳонаи ҳашар ҷамъ карда ҳазорҳо нафарашонро аз дами теғ гузаронд (Ҷувайнӣ, «Таърихи ҷаҳонкушо»).

Ҳалоқу низориёни Эронро аз байн бурда ба амалӣ кардани мақсади дуюми худ – нобуд кардани хилофати Аббосиён пардохт. Пас аз ин А. нақши таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию мазҳабии худро аз даст дода, дар асри *Сафавиён* ба зиндони устувори шоҳзодагони сафавӣ табдил ёфт.

Ад.: Ҷувайнӣ, Таърихи ҷаҳонкушо, Т., 1958; Строева Л. В., Рашидуддин как источник по истории исмаилитов Аламута, Л., 1965; Ибни Баттута, Сафарномаи Баттута, Т., 1958; Додихудоев Х., Философия крестянского бунта. Д., 1987; Ф. Дафтарӣ, Исмоилиён таърих ва ақоид, тарҷ. Абдусалом Мамадназар, М., 1999; Донишномаи Сомониён, ч. 2, Х., 2008. *Б. Раҳматов.*



Аламшоев Қ.



Аламшоев М.

АЛАМШОЕВ Қурбониддин Мирзовафоевич; тав. 5. 6. 1960. деҳаи Миденшарви ноҳ. Шуғнон), нависандаи тоҷик. Хатмкардаи фак-ти журналистикаи Донишгоҳи давлатии Ленинград (1985). Муҳаррири нашриёти «Маориф» (1985 – 87), мухбир, муовини котиби масъул, мудири шӯъбаи маънавиёти г. «Бадахшони советӣ» (1987 – 92), масъули чопхонаи «Помир», муассиси нашрияи мустақили «Фарҳанги Бадахшон» (1991 – 1994) ва навидномаи «Чатри симин» (1997 – 98), хабарнигори бахши форсии радиои байналмилалии Би-Би-Си дар ВМКБ (1999 – 2006). Аз с. 2006 мудири маркази васоити ахбори оммаи Бадахшон «Памирмассмедиасентр» ва Агентии иттилоотии «Помир Медиа». А. асосан ба ҳикоянависӣ машғул аст. Аввалин ҳикояҳояш дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ ох. с-ҳои 80 а. 20 чоп шуда, чанде аз онҳо дар китоби дастҷамъии «Вассофони Помир» (1990) дастраси хонандагон гардиданд. Ҳикояҳои беҳтаринаш дар китобҳои «Ҳикоёт» (Хоруғ, 1996), «Гӯсфанди Марко» (Д., 1998), инчунин китоби дастҷамъии «Тазкираи адибони Бадахшон» (Д., 2005) гирд омадаанд. Ҳикояҳои А. аз ҳаҷву танзи нозук саршоранд. А. ба проблемаҳои баҳсталабу дардноки ҷомеа таваҷҷӯҳ карда, андешаҳои расо алайҳи норасоиҳо дорад. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти арбоби намоёни давлатии тоҷик Шириншоҳ Шоҳтемур китобҳои «Кучое бошам бо тоҷикон бошам» (Д., 1999) ва «Шириншоҳ Шоҳтемур»-ро (Д., 2009) навиштааст. Аз осори нависандагони хориҷӣ намунаҳо ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ҳикояҳои чудогонааш ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ нашр шудаанд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1996.

Ё. Назармамадов.

АЛАМШО́ЕВ Муқбилшо Мирзовафоевич (тав. 15. 7. 1956, деҳаи Миденшаври ноҳ. Шуғнон), забоншиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (2002), проф. (2010). Хатмкардаи Инти давлатии педагогии Душанбе (1979). Муаллими мактаби миёна (1979

– 89). Солҳои 1990 – 2009 дар Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ (дар Помир) дар вазифаҳои ходими хурди илмӣ то мудири шӯъбаи таҳқиқи забонҳои помирӣ кор кардааст. Аз с. 2009 сарходими илмии муассисаи номбурда. Унвончӯи Ин-ти забоншиносии ш. Санкт-Петербург (1990 – 92). Дар кафедраи забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ низ кор мекунад. Муҳаққиқи забони шуғнонӣ (ҷонишинҳои ин забон дар муқоиса бо дигар забонҳои помирӣ, лексикаи чорводорӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ ва муқоисавии таърихӣ ва ғ.). Муаллифи «Алифбои шуғнонӣ» (1996) ва дастурҳои таълимст.

Ос.: Система местоимений шугнанского языка в сравнении с другими языками шугнано-рушанской группы памирских языков, Хорог, 1994; Шугнанская животноведческая лексика в этнолингвистическом и сравнительно-историческом освещении, Д., 2007.

Ё. Назармамадов.

«АЛА́Н», ҷамъияти осетинҳо (аланҳо)-и муқими Тоҷикистон. Соли 1990 таъсис ёфтааст. Дар ш. Норак ва ноҳ. Вахш ташкилотҳои ибтидоӣ дорад. Соли 2006 бахши алоҳидаи душанбегии «А» – «Алания» таъсис ёфт. Мақсади «А»: эҳё ва нигаҳдошти фарҳанг, маросиму анъанот ва забони миллӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ва маънавии аъзоён; таъмини гуногунфарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои миллӣ дар Тоҷикистон. Амали бародаршавӣ бо миллатҳои дигар рукни асосии анъаноти осетинҳо ва мақсади асосии «А» аст. «А» бо Осетия робита дорад ва аз он ҷо кӯмак мегирад. Чорабиниҳои «А» бо дастгирии Сафорати Федератсияи Россия дар Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Раиси «А» Карсанов К. солҳои зиёд дар арсаи байналхалқӣ дар соҳаи варзиш (гӯштингир) шарафи Тоҷикистонро ҳимоя кардааст.

М. Шарифзода.

АЛА́НД, Аҳвенанмаа (шведӣ Åland, финнӣ Ahvenanmaa), галачазира дар қисми ҷанубии халиҷи Ботникаи Баҳри Балтика. Аз 6,5 ҳазор ҷаз-ҳои шахиву сахрай иборат буда, аз Шим. ба Ҷ. ба масофаи 130 км кашол ёфтааст. Калонтаринашон ҷаз. Аланд (640 км^2), 150-тоашон маскун. Масоҳ. умумии А. 1481 км^2. Ҳоло воҳиди маъмурии Финляндия. Ҷазираҳо аз гранит ва гнейсҳо таркиб ёфта, сатҳи теппаҳо ҳархела (баландиашон то 132 м) аст. Иқлимашон мӯътадили баҳрӣ, боришоти солона 550 мм. Ҷазираҳои маскун сербеша, аксар буттазоранд. Аҳолӣ бо моҳидорӣ, чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Дар А. туризм тараққӣ кардааст, курортҳои наздибаҳрӣ дорад. Шаҳри асосиаш – Мариенхами. А. то с. 1809 дар ҳайати Шветсия, баъди ҷанги Россияю Шветсия (1808 – 09) дар ҳайати Империяи Россия буд. Баъди соҳибистиқлол шудани Финляндия (1917) А. мавриди баҳси ҳудудии байни Финляндия ва Шветсия қарор дошт. Соли 1921 Шӯрои Лигаи Миллатҳо соҳибихтиёрии Финляндияро аз болои А. эътироф кард; мутобиқи Конвенсияи Женева (1921) А. минтақаи озод аз миллитаризатсия эълон гардид. Ин эълонро Финляндия дар арафа ва рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) вайрон кард ва с. 1947 ин мақоми А. аз нав барқарор карда шуд (бо созишномаи сулҳ бо Финляндия).

АЛАНИ́Н, кислотаи α-аминопропионат, аминокислотаи ғайрисиклӣ. Дар табиат васеъ паҳн шудааст (бо миқдори зиёд дар нахи абрешим вуҷуд дорад). Массаи мол. 89. Дар таркиби ҳамаи сафедаҳо мавҷуд аст. Дар организм дар ҳолати озод вомехӯрад. Ба қатори аминокислотаҳои ивазшаванда дохил аст, зеро дар организм зуд синтез мегардад. А.-и табиӣ аз ҷиҳати оптикӣ фаъол буда, атоми карбони ассиметрӣ дорад. А.-и синтезӣ аз ҷиҳати оптикӣ фаъол нест. β-аланин ё кислотаи β-аминопропионат дар мушак (дар намуди дипептид) аз тарафи олими рус В. С. Гулевич дар ёфт карда шудааст. Олими дигари рус М. В. Радионов бо кормандонаш усули хеле мувофиқи синтези β-аминокислотаҳоеро, ки пештар имконнопазир буданд, таҳия намуд. Мутобиқи он β-аминокислотаҳо дар натиҷаи таъсири ҳамдигарии алдегидҳо бо кислотаи малонат дар иштироки маҳлули спиртии аммиак ҳосил карда мешаванд. Дар шираи ангур то 60 фоизи умумии аминокислотаҳоро А. ташкил мекунад. А.-ро ҳангоми ҷӯшиши спирт моя фаъолона ҷаббида, ҳангоми автолиз ихроҷ мекунад. А. маҳсули фаъолияти ҳаётии моя аст. Дар шароб асосан дар ҳолати озод (10 – 250 мг/дм^3) вуҷуд дорад. Онро дар таркиби пептидҳо ва сафедаҳои май низ пайдо кардаанд. Ҳангоми ҷӯшиши спирт миқдори А. дар май кам мешавад. β-аланин – $NH_2CH_2CH_2{\cdot}COOOH$ дар май (дар шакли боқимондаҳо) танҳо дар ҳолати озод ошкор шудааст. Онро моя аз намакҳои аммиак ва кислотаи пироангур синтез мекунад. А. аз рӯи реаксия бо нингидрин муайн карда мешавад.

Ад.: Перекалин В. В., Зонис С. А., Органическая химия, М., 1966: Несмеянов Н. А., Начало органической химии, т. 1, М., 1969; Степаненко Б. Н., Курс органической химии, М., 1981; Энциклопедия виноградарства, т. 1, Кишинев, 1986.

АЛА́НҲО (худашон иронӣ мегӯянд; ба гурҷӣ осҳо, русӣ – ясҳо), қабилаҳои сершумори эронизабон, ки дар асрҳои аввали милодӣ аз қабилаҳои нимкӯчии *сарматҳо* баромадаанд. Дар ёдгориҳои хаттии а. 1 то м. аз А. ёд шудааст. Дар кӯҳдоманҳои Урал ва Кавкази Шимолӣ мезистанд. Қисме аз онҳо дар давраи *Муҳоҷирати бузург* ба Испания, Шим. Африка ва Галлия кӯч баста, бархе дар кӯҳсори Кавказ паноҳанда шуданд. Дар а-ҳои 7 – 10 шомили ҳайати хоқонии Хазарҳо гардида, муддатҳои мадид алайҳи хазарҳо, арабҳо ва византиягиҳо мубориза бурдаанд. Дар ибт. а. 10 давлати алоҳида – Алания таъсис доданд. А. пешгузаштагони осетинҳо буда, барои ташаккули этногенез ва маданияти дигар халқҳои Кавкази Шимолӣ аҳамияти муҳим доштаанд. А. асосан чорводор будаанд, вале баъдтар ба ҳунармандӣ – кулолӣ, заргарӣ, ҳаҷҷорӣ, ҳаккокӣ ва кордсозӣ низ машғул шудаанд. Аз а-ҳои 10 – 12 соҳиби хат мебошанд. Солҳои 1238 – 39 лашкари тотору муғул водии Назди Кавказро забт намуда мардуми маҳалро аз дами теғ гузаронд ва аҳолии зиндамонда ба кӯҳҳои Кавкази Марказӣ паноҳ бурданд. Аксарияти А. то а-ҳои 14 масеҳӣ буданд ва минбаъд ба Ислом гаравиданд. А. аҷдоди мустақили *осетинҳоянд.*

Ад.: Кузнецов В. А., Аланские племена Северного Кавказа, М., 1962; Новая Российская энциклопедия, М., 2005.

Б. Раҳматов.

АЛА́Р, диаминозид, $C_6H_{12}N_2O_3$, як навъ моддаи химиявӣ. Барои танзими рушд ва беҳ гардондани гулшукуфти растаниҳои ороишӣ, хушсифат намудани меваи дарахтони себу олуболу (ба 1 л об 2,5 – 5 г) пешбинӣ шудааст. А. моддаи кристаллии сафед буда, дар об ва ҳалкунандаҳои органикӣ (ғайр аз карбогидридҳои алифатӣ) ҳал мешавад. А.-ро ба тариқи хокаи намкаши 85-фоиза ё намак истеҳсол мекунанд. Барои занбӯри асал ва дигар ҳашароти фоиданок безарар аст.

АЛА́С, намуди навъи урф ва одати қадимии халқӣ, табобати мардумӣ, ки онро дар байни мардум «алавгардон», «чароғи Сулаймон», «аласалас» низ меноманд. Ба ин восита беморони рӯҳӣ, шахсоне, ки зуд-зуд ба мушкилоте дучор мегарданд, табобат карда мешаванд. Тарзи табобат чунин аст. Табиб бадани беморро бо докаи

чандқабата ва ё матои сафеди калон мепӯшонад, сипас порчае аз матои хурдро ба нӯги чӯби дароз (тахминан то 1 м) баста, онро ба равған меолонад ва баъдан бо гӯгирд оташ мезанад. Ҳамин ки оташ фурӯзон шуд, онро дар гирди сари бемор давр мезанонад ва чунин суханҳоро такрор мекунад: «алас-алас, аз кулли бало халос». Ҳамчунин мушоҳида шудааст, ки барои анҷом додани А. шохи дарахти мевадорро гирифта, ба он пилтаҳои аз пахта бофтаро ба равған молида овезон мекунанд ва онро от аш зада, бо хондани суханҳои афсунгарона амали А.-ро анҷом медиҳанд. Гӯё табиб ба воситаи А. аз бадани бемор рӯҳҳои бадӣ (парӣ, бало, албастӣ, ҷин, дев, лашкар)-ро, ки ҳамеша дар чашм нонамоёнанд ва дар ҳар ҷо ба кору бори ӯ таъсир мерасонанд, наҷот мебахшад. Маъмулан иҷрогари А.-ро дар байни мардум алавгардон, фолбин, қушноч, бибимулло ва ғ. меноманд. Одатан, табобаткунанда беморро аз хона берун – дар лаби ҷӯй, таги дарахт, дар шафати мазор, дар назди девори кӯҳна, зери дарахти чормағз бурда, А.-ро анҷом медиҳад. А. нишонаест аз фарҳанги замонҳои қабл аз ислом, ки то ба ҳол дар бархе аз рустоҳо ба назар мерасад.

Р. Раҳмонӣ.

АЛАТО́ВИ КУЗНЕ́ТСК, қаторкӯҳ дар ҷан. Сибир, дар вил. Кемерово ва кишвари Красноярски Федератсияи Россия. Байни хамиҳои Кузнетск ва Минусинск (Хакасия) ҷойгир аст. Тӯлаш қариб 300 км; бараш 150 км; баландии миёнааш 1000 – 1200 м; қуллаи баландтаринаш 2178 м (қ. Верхний Зуб). Аз кварсит, варақасангҳои силикатию гилӣ, габбро, диорит, мармар, сиенит ва ғ. таркиб ёфтааст. Нишебии кӯҳҳоро анбӯҳи (тайгаи) дарахтони коҷ, сидра ва бешаҳои дарахтони шарбин, санавбар фаро гирифтаанд. Сарватҳои зеризаминиаш – маъдани оҳан, манган, тилло, хромит, боксит.

АЛАТО́ВИ ҶУНГА́Р, силсилаи кӯҳҳое, ки асосан дар ҷан. шарқии Қазоқистон ва қисман Хитой, байни д-ҳои Олакӯл ва Илӣ воқеъ гардидаааст. Дарозиаш 450 км, бараш 50 – 190 км. А. Ҷ. аз якчанд қ-кӯҳҳои мутавозӣ (Қаратов, Башкантов, Тоқсанбай, Бежинтов ва дигар) иборат мебошад. Баландиаш асосан 1500 – 3000 м. Қуллаи баландтаринаш 4464 м (қ. Бесбаскан). Дар қисми марказиаш пиряхҳо дорад (масоҳ. 1120 км^2). Ба релйефи А. Ҷ. кӯҳҳои сатҳашон ҳамвор хосанд. Қисми шимолии А. Ҷ. аз регсанг, алевролит, варақасангҳо; ҷанубиаш аз ҷинсҳои вулқонӣ ва марказиаш аз ҷинсҳои кристаллӣ таркиб ёфтаанд. Дар А. Ҷ. конҳои маъдани полиметалл, мис, металлҳои нодир мавҷуданд.

АЛА́Ф, 1) растаниест ғайри *бута* ва *дарахт,* хоҷ кишта бошаду хоҷ худрӯй (ниг. низ *Гиёҳ, Растанӣ*); 2) дурушта, яъне беда ё А.-и резакардаест, ки ба коҳ омехта бошанд; улуфа ё умуман хӯроки чорво (ему хошок ва ғ.); 3) алафи ёва, як гурӯҳ растаниҳои хеле гуногун, ки дар киштзор ва ягон ҷойи дигар сабзидани онҳо номатлуб аст (ниг. *Алафҳои бегона*). Ин гуна А.-ҳо на фақат дар киштзору полиз, балки дар боғу бешазор, марғзору чарогоҳ, чорбоғу гулбоғ, гулзору сабзамайдон, канори роҳҳо ва ғ. низ месабзанд. Ниг. низ *Растаниҳои доруӣ, Растаниҳои заҳрнок, Растаниҳои витаминдор, Растаниҳои даббогӣ* ва ғ.

АЛАФҒУНДОРӢ, дарав ва ҷамъоварии алаф. Сифату серғизоии хошок, пеш аз ҳама, ба А.-и сари вақт вобаста аст. Алафҳои худрӯйро ҳангоми гул ва тухмбандӣ, юнучқаро дар давраи огози ғунчабандӣ медараванд. Дарави дер боиси кам шудани ғизонокии хошок, дуруштии баргу поя ва талаф ёфтани як қисми он мегардад. Дар мавриди муқаррар кардани мӯҳлати А. таркиби алафзор, вуҷуд доштани алафҳои бегона, дараҷаи ифлосии қитъа ва дигар омилҳо ба эътибор гирифта мешаванд. Ба миқдор ва сифати алаф, инчунин ба маҳсулнокии минбаъдаи алафзор баландии дарав таъсири зиёд мерасонад. Аз ҳад зиёд баланд даравидани алаф боиси кам шудани ҳосилнокӣ ва бисёр паст даравидани он бошад, боиси паст гаштани сифати хошок (хусусан дар алафҳои пояшон дурушт ва ғафс) мешавад. Дар шароити иқлими Тоҷикистон алафи худрӯйро дар ҳар мавсим 1 – 2 ва алафи киштаро 2 – 6 маротиба дарав мекунанд. Барои А. бештар алафдаравҳои трактириро ба кор мебаранд.



Алафдаравак бо трактор.

АЛАФДАРАВА́К, олоти кишоварзӣ. А. ядакӣ, овеза ва нимовеза мешавад. Вобаста ба асбоби буранда А.-ҳои як, ду, се ва панҷбрусаро фарқ мекунанд. Асбобҳои буранда ба пеш, паҳлу ё ақиби трактор васл карда мешаванд ва ба воситаи наварди гирифти иқтидори трактор ба кор медароянд. Барои даравидани алафи боғот А.-ҳои овезаи фронталии КНФ-1,6 ва А.-ҳои ротатсионии КРВ-1,6-ро истифода мекунанд. А.-и КНФ-1,6 дорои бруси ангуштадор аст, ки дар охири он барои танзими баландии буриши алаф болиштакҳо ва дар онҳо тахтаҳои теладиҳанда гузошта шудаанд. Трактроре, ки ба он А.-и КНФ – 1,6 пайваст карда шудааст, дар байни қаторҳои дарахтон қафо ҳаракат мекунад; асбоби буранда дар рӯи замин бо болиштакҳо лағжида алафро медаравад ва тахтаҳо онро ба чапу рост тела медиҳанд. А.-и КРВ – 1,6 аз рама, чархҳо, асбобҳои бурандаи роторӣ ва тавора иборат аст. Ҳангоми кори А. роторҳо давр зада, алафро мебуранд. Баландии дарав ба воситаи чархҳо танзим карда мешавад.

АЛАФЗО́Р, алафгоҳ, алафхор, мавзеест, ки алафи онро пай дар пай медараванд. Асосан *марғзор,* баъзан замини беша, боғ, чарогоҳ шибарзамин ва ғ-ро чун А. истифода мекунанд. Дар Тоҷикистон тақр. 38 ҳазор га А. (асосан дар ноҳияҳои Темурмалик, Данғара, Вахш, Қумсангир, Ҷиргатол, Фархор ва Мурғоб) мавҷуд аст. А. табиӣ, кишта ва обию лалмӣ мешавад. А.-ҳои табиии Тоҷикистон дар баландкӯҳҳо ва миёнакӯҳу доманакӯҳҳо воқеанд (аз ҳар га А. 30 – 60 сентнер хошок тайёр кардан мумкин аст). А.-ҳои табиии обшори ҷумҳурӣ аз растаниҳои хӯшадори худрӯй ва алафҳои гуногун таркиб ёфтаанд. А.-и табиии биёбону нимбиёбон дар пастхамиҳои сернам ҷойгир буда, аз гиёҳҳои хӯшадору лӯбиёӣ ва эфемерҳо иборат аст (соле аз ҳар га 8 – 12 сентнер хошок медиҳад). А.-и табиии минтақаи миёнакӯҳ нисбатан сернам буда, аз гиёҳҳои хӯшадор ва алафҳои гуногун таркиб ёфтааст (аз ҳар га андаряк 18 – 20 сентнер хошок мегиранд). А.-и табиии баландкӯҳ аз гиёҳҳои хӯшадору алафҳои гуногун иборат буда, аз ҳар га соле 12 – 15 сентнер хошок медиҳад. Масоҳ. А.-и табиии ҷумҳурӣ вобаста ба шароити обу ҳаво тағйир меёбад.

А.-и киштаро бо мақсади киштгардони зироати хӯроки чорво ё бо роҳи кишти алафҳои яксолаю бисёрсола бунёд мекунанд. Дар мавзеъҳои кам-

бориши ҷумҳурӣ дар заминҳои лалмӣ растаниҳои яксола кишта, аз ҳар га 22 – 25 сентнер хошоки хушсифат гирифтан мумкин аст. Дар ноҳияҳои боришот миёна кишти алафи судонӣ ва булғор самарабахш буда, аз ҳар га 28 – 35 сентнер хошок медиҳад. Дар заминҳои лалмии минтақаи миёнакӯҳ ва баландкӯҳҳо барои таҳияи А.-и кишта зироати бисёрсола (юнучқа, эспарсет) мекоранд ва аз ҳар га 45 – 54 сентнер хошок ба даст меоваранд. Масоҳ. А.-и кишта дар ҷумҳурӣ тақр. 2,2 ҳазор га аст. Яке аз тадбирҳои самарабахши беҳтар намудани А. истифодаи *нуриҳои минералӣ* мебошад. Истифодаи *нуриҳои нитрогендор* ҳосилнокии А.-и табиии обиро афзун мегардонад. Нуриҳои калию фосфордор боиси нашъунамои хуби растаниҳои лӯбиёии А. мешаванд.

Ад.: Атлас Таджикской ССР, Д. – М., 1968; Пронуза А. А., Орошаемые культурные пастбища в Южном Таджикистане, Д., 1977; Таджикистан (природа и природные ресурсы), Д., 1982.

АЛА́ФИ ГУНҶИ́ШК (Herniaria glabra), даббагиёх, сагсобун, гиёҳест худрӯй. Пояш сершоху барг (5 – 20 см қад мекашад), одатан дар рӯи замин мехобад. Баргаш майда (дарозиаш 2 – 7 мм, бараш 1 – 3 мм), дарозрӯя ё гирд мешавад. Гулаш 5-баргаи сабзи зардтоб ё сафедча (моҳҳои апр. – июн мешукуфад). Ғӯзааш яктухма, тухмаш қаҳваранги баланд ё сиёҳтоби ҷилодор. А. г. асосан дар санглоху регзори соҳили рӯд, канори сой, нишебиҳои регҳоки кӯҳ, дашту саҳро, замини холиву канори роҳ (қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва мавзеъҳои ҷан. Тоҷикистон; дар баландии 800 – 2400 м аз с. б.) мерӯяд; баъзан чун алафи бегона дар ғаллазор низ нумӯ меёбад. А. г. гиёҳи доруист. Онро аз қадим барои табобати дабба ва илтиҳоби пешоброҳа истифода мебаранд. Табибони халқӣ бо А. г. зардпарвин, илтиҳоби гурда, қабзияти масона, иллати шуш, узвҳои ҳозима, тарбод, сил, артрит, никрис, сӯзок ва ғ-ро табобат мекунанд; онро давои хуби пешоброн (махсусан барои шахсоне, ки гирифтори обхӯраанд) меҳисобанд. Баргу пояи А. г., ки дар давраи гул карданаш ҷамъ меоваранд, ашёи хоми саноати тиб аст. Онро дар ҷойи соя мехушконанд (аз баргу пояи хушкаш бӯи кумарин меояд). Нақеъ (настой)-и баргу пояи А. г. барои аз гурда ва масона баровардани санг ва табобати илтиҳоби пешобдон яке аз давоҷоти самарабахш аст. Баргу пояи он хусусияти давоии худро то 2 сол нигоҳ медорад. Дар баъзе ҷойҳо бо ҷӯшоби А. г. чорвои хонагиро мешуст- таанд (аз ҳамин ҷост, ки «сагсобун» ном гирифтааст). Баргу пояи А. г. то 0,85% пайвастҳои кумаринӣ (кумарин, герниарин, умбеллиферон), 0,12 – 2,43% флавоноидҳо (арабинозид, кверсетин, рамногликозид, изорамнетин, рутин), 1,77 – 11,62% сапонинҳо, 3,16 мг% моддаҳои даббогӣ, 0,6% равғани эфир, 5,5% луоб ва ғ. дорад.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, Л., 1968; Халматов Х. Х., Основные лекарственные растения Средней Азии, Ташкент, 1984; Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

М. Ҳоҷиматов.

АЛА́ФИ МУШ, ниг. *Тутакалӣ.*

АЛА́ФИ ҲАЗА́Р, ниг. *Ғижмалос.*

АЛАФКОРӢ, кишти алафҳои як ё бисёрсолаи хӯроки чорво дар дашту ҳомун. Баъзан А. фақат *киштгардони* зироати бисёрсолаи хӯроки чорворо ифода мекунад. Мақсади асосии А. ба даст овардани алафи тару тоза ва тайёр кардани хӯроки чорво мебошад. Алафҳои яксоларо ба чорво, одатан, тару тоза даравида медиҳанд. Аз алафҳои бисёрсола хасбеда, тарбеда, силос, орди алаф ва ғ. тайёр мекунанд. Алафҳои яксола ва бисёрсола хӯроки нисбатан арзон ва хушсифати чорвоанд. Кишти алафҳои бисёрсолаи лӯбиёӣ ё кишти омехтаи онҳо бо алафҳои бисёрсолаи хӯшадор хок ро ҳосилхез мегардонад. А. таркиб, қобилияти обгузаронӣ, наминигоҳдорӣ ва аэратсияи хокро беҳтар карда, ба камшавии *алафҳои бегонаи* киштзор, зараррасону касалиҳои зироат мусоидат менамояд. Он дар киштгардони зироат низ аҳамияти калон дорад. Зироати ғалладона, техникӣ ва ғ. дар алафпая ҳосили хуб медиҳад. Одатан, алафҳои бисёрсола (юнучқа, эспарсет, себарга, хардума, ҷавак, сулӣ ва ғ.) ва яксола (мунҷ, тирмис, алафи судонӣ, моғар, райграс, ҷавдор, ҷави русӣ ва ғ.)-ро кишт мекунанд. Бо мақсади мувозанати қанду протеини таркиби юнучқа онро баъд аз ҷуворимакка, алафи судонӣ ва ҷуворӣ коштан лозим аст. Кишти омехтаи алафҳои бисёрсолаи лӯбиёӣ ва хӯшадор махсусан дар чарогоҳҳои киштаи обӣ самарбахш аст. Аз алафҳои яксола кишти омехтаи мунҷу ҷави русӣ, мунҷу ҷавдор, нахӯду ҷав ҳосили хуб медиҳад. А. дар ҳар минтақаи ҷумҳурӣ вобаста ба шароити обу ҳаво ва таъйинoти хоҷагӣ фарқ мекунад. Дар адиру доманакӯҳҳо (650 – 1100 м аз с. б.) асосан кишти юнучқа (барои тухмӣ ва хӯроки чорво) мувофиқ мебошад. Алафзори ин минтақаро даравидан ё ҳамчун чарогоҳи баҳорию тирамоҳӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар заминҳои лалмии минтақаи пасткӯҳи ҷумҳурӣ (1100 – 1800 м аз с. б.) барои тайёр кардани алафи тару тоза, тарбеда ва хасбеда кишти юнучқа ё кишти омехтаи зироати яксолаи хӯроки чорво (мунҷу ҷави русӣ, мунҷу ҷавдор, нахӯду ҷав) тавсия мешавад. Дар киштзор ва заминҳои бекорхобидаи минтақаи миёнакӯҳ (1800 – 2800 м аз с. б.) ва Помири Ғарбӣ (то 3500 м аз с. б.) кишти юнучқа, эспарсет ва кишти омехтаи онҳо бо растаниҳои хӯшадор (хардума, гандумак, сулӣ) тавсия шудааст. Алафро дар боғот низ кишт мекунанд. Онро қатордармиён ё саросар коридан мумкин. Ҳангоми А.-и қатордармиён нишебии маҳалро ба назар гирифта, тухми алафро дар байни ҳар қатор ё баъди чанд қатор мекоранд. Тухмиро дар байни қаторҳо бо усули тасмавӣ (ба васеъгии 1,5 м) кишт кардан лозим. Бо ин мақсад аз тухмипошакҳои СЗН-1,4, СЗГ-3,6, СКП-2, С – ЗС-2 истифода мебаранд. Дар токзори навбунёд баъди шинондани ниҳолҳо алаф мекоранд. Алафи боғотро дар давраи нашв ду маротиба бо алафдаравакҳои КИР-1,5 ё КНФ-1,6 дарав карда, алафашро намеғундоранд. А.-и яклухт фақат дар боғоти ҳосилдеҳ истифода мегардад. Барои кишт гиёҳҳои хӯшадор (сулӣ, ҷавдорак, марғ, рӯбоҳдум ва ғ.) ва лӯбиёиҳо (юнучқа, себарга, эспарсет, тирмис, кирсина ва ғ.) кор фармуда мешаванд. Ҳангоми дар байни қаторҳои дарахтон кишт кардани юнучқа, эспарсет ва себаргa ба алафзор об мондан беҳтар аст. Дар ҳар маврид меъёри нуриро дар боғот 1,5 маротиба зиёд кардан даркор. Мӯҳлати беҳтарини кишти алаф тирамоҳрӯя ё навбаҳорон мебошад. А.-ро дар сабзкории маҳалҳои аҳолинишин, майдонҳои варзишӣ, аэродромҳо, мустаҳкам намудани банди об, ду тарафи роҳи оҳан, пешгирии эрозияи хок ва ғ. низ истифода мебаранд.

АЛАФҲО́И БЕГОНА́, растаниҳои худрӯйи киштзор ва боғот. А. б. дар полиз, бешазор, марғзору чарогоҳ, чорбоғу гулбоғ, гулзору сабзамайдон, канори роҳҳо, соҳили рӯду дарёҳо, ҳавзу наҳрҳо ҳам месабзанд. Мафҳуми А. б. шартист. Мас., юнучқа, ки алафи хеле пурқимат аст, дар киштзори гандум алафи бегона мебошад. Дар олам беш аз 5 ҳазор намуди А. б. маълум аст. Дар Тоҷикистон 600 – 650 намуди А. б.

мерӯяд. Дар водиҳои ҷумҳурӣ 300 намуди А. б.-ро ба қайд гирифтаанд, ки 74 намуди онҳо ба рушду инкишофи зироат халал мерасонад, мас., аҷириқ, ангури сагак, банги девона, курмак, хоралаф, матинҷ, най, печак, саломалайкум, хори морак, хурфа, қӯноқ, ғумой ва ғ. А. б. ба шароити сабзишу нумӯи растаниҳои мазрӯъ мутобиқ гардида, ҳамроҳи онҳо месабзанд, ҳосилро паст намуда, ба иҷрои корҳо халал мерасонанд; намии хок, моддаҳои ғизоӣ ва гази карбонатро ҷаббида, ҷараёни фотосинтезро суст, хокро аз нури офтоб паноҳ месозанд, ғизогирии микроорганизмҳоро номураттаб мегардонанд. Ҳамзамон, дар боғот А. б. миқдори энергияи гармиеро, ки хок инъикос мекунад, коҳиш медиҳанд, ба ҳавогирии ниҳолҳо монеъ мешаванд, барои авчи касалиҳои гуногун шароити мусоид фароҳам меоваранд. Зарари бисёр А. б. на ба навъу хели растанӣ, балки ба зиёд рустани онҳо вобаста аст. Баъзе намуди А. б. кам рӯянд ҳам, метавонанд зарари ҷиддӣ расонанд. Мас., решаи аҷириқ моддаҳое хориҷ мекунад, ки ба рушду инкишофи ниҳолҳо зиён доранд. А. б. аз рӯи усулҳои ғизогирӣ ва афзоиш гетеротрофӣ ва афтотрофӣ мешаванд. Ба А. б.-и гетеротрофӣ алафҳои нимпаразит ва паразит (мас. заҳрпечак) мансубанд. А. б.-и автотрофӣ дорои хлорофилланд, ки он қобилияти фотосинтез дорад. Вобаста ба нашъунамо А. б. яксола, дусола ва бисёрсола мешаванд. Ба А.б.-и як ва дусола эфемерҳо, алафҳои баҳорӣ ва тирамоҳӣ мансубанд (аз 3 ҳафта то 2 сол умр мебинанд). А. б.-и бисёрсола чандин сол нашъунамо карда, ҳар сол мерӯянд, аз тухм ва бо роҳи нашвӣ зиёд мешаванд. А. б.-е, ки бо роҳи нашвӣ меафзоянд, асосан аз реша, решапоя, пиёзак, бехҷаст, лӯнда зиёд мегарданд. Ба боғу токзор хусусан зарари А. б.-и решапоядор ва тирреша калон аст.

Тадбирҳои мубориза бо А. б.: нест кардани онҳо; пеш аз шинондани ниҳолҳо нағз нарм кардани замин, риоя намудани тадбирҳои карантин; роҳ надодан барои ба тавассути об, пору ё шамол паҳн гаштани тухми А. б.; истифодаи гербисидҳо.

Ад.: Сорные растения Таджикистана, ч. 1 – 2, М. – Л., 1953; Котт С. А., Сорные растения и борьба с ними, М., 1969; Фисюнов А. В., Сорные растения, Альбом, М., 1984.

АЛАҲЛО́Р, лассо, $C_{14}H_2{}_0NO_2CI$, як навъ гербисид. Моддаи кристаллии сафед. Барои нест кардани алафҳои бегонаи киштӣ ҷуворимакка, офтобпараст ва соя (ба ҳар га 1,7 – 2,8 кг) пешбинӣ шудааст. А.-ро бо атразин (ба ҳар га 1 кг) ва линурон (ба ҳар га 0,5 – 1,2 кг) омехта карда истифода мебаранд. Барои занбӯри асал ва дигар ҳашароти фоиданок безарар аст.

АЛБА́НИЯ (Шкипения ё Шкиперия), Республикаи Албания (Republica e Shgipërisë), давлат дар Европа, дар қисми ғарбии нимҷаз. Балкан ва қисми ҷанубии Европа. А. дар Шим. Ш. бо Косово ва Сербия, дар Шим. Ғ. бо Черногория, дар Ш. бо Македония, дар Ҷан. Ш. бо Юнон ҳамсарҳад буда, соҳилҳои қисми ғарбӣ ва ҷан. ғарбии онро баҳрҳои Адриатика ва Ион фаро гирифтаанд. Масоҳ. 28748 км^2. Аҳолиаш 3,64 млн нафар (июли 2009). Пойтахташ – ш. Тирана (360 ҳазор нафар). Шаҳрҳои калонтарин – Дуррес, Элбасан, Шкодер. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 12 ретӣ (вилоят) ва 36 округ тақсим шудааст. Воҳиди пулӣ – лек.



Парчам ва нишони Албания.

Сохти давлатӣ. А. – республикаи парламентӣ. Мақоми олии ҳокимияти давлатӣ – Ассамблеяи Халқӣ (Кувенд)-и якпалатагӣ (онро аҳолӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб мекунад). Сарвари давлат – Президентро Ассамблеяи Халқӣ ба муддати 5 сол интихоб мекунад. Мақоми олии иҷроия – Шӯрои вазирон бо сарвари сарвазир буда, онро Президент таъйин менамояд. Ҳокимияти судӣ: Суди олӣ, раиси онро парламент ба муддати 4 сол интихоб мекунад. Ҳизбҳои маъруф: Ҳизби сотсиалистии Албания ва Ҳизби демократии Албания.


А. – узви СММ, Иттиҳоди Европа, НАТО (2009), САҲА (ОБСЕ), Ташкилоти ҳамкории иқтисодии Баҳри Сиёҳ.

Табиат. Бо вуҷуди кам будани масоҳаташ ҳудуди А. ландшафт ва табиати гуногун дорад. Релйефи онро ба қисматҳои ҳамворию аккумулятивии наздисоҳилӣ, кӯҳҳои ҷанубии А., кӯҳҳои дохилӣ ва шимолӣ бо номи Алпҳои А. ҷудо мекунанд. Ҳамворию наздисоҳилӣ сертеппа буда, ба масофаи 200 км – аз кӯли Шкодер ба самти Шим. то халиҷи Влёра тӯл кашидааст, ки аз 20 то 30 км паҳноӣ дорад. Ҳамворӣ аз Ҷ., Ш. ва Шим. бо қ-кӯҳҳои начандон баланди (2000 – 2400 м) чиндори алпӣ ва массивҳои Алпи Шимолии Албания (Проклетие), Томорӣ, Корабӣ (нуқтаи баландтаринаш 2764 м) иҳота шудааст. Ин кӯҳҳо аз ҳам ҷудо буда, хамиҳои бисёре доранд. Дар ин ноҳияи кӯҳсор ҳодисаҳои карстӣ хеле ривоҷ дошта, заминҷунбӣ низ ҳамеша такрор меёбад. Сарватҳои асосии зеризаминӣ: хромит, маъдани оҳану никел, боксит, нефт, гази табиӣ, битуми табиӣ ва ангишти сиёҳтоб. Аз масолеҳи сохтмонӣ оҳаксанг, маргел, мармар ва регҳои сохтмонӣ хеле зиёд буда, дар ноҳияҳои дохилӣ ва ҷанубии А. чашмаҳои зиёди оби маъданӣ мавҷуданд.

Иқлим. Иқлими А. субтропикии баҳримиёназаминӣ мебошад. Соҳилҳои баҳрӣ аз анбӯҳи ҳавои сарди шим. ғарбӣ бо кӯҳҳои Алп ҳимоя мешаванд. Ҳарор. миёнаи моҳи янв. дар водиҳои наздисоҳилӣ 8 – 9°С (дар кӯҳистон нисбатан сард), ҳарорати миёнаи июл 22 – 25°С. А. дар ҳудуди Европа сербориштарин мебошад. Боришоти солона дар ноҳияҳои наздисоҳилӣ ба 800 – 1000 мм, дар доманакӯҳҳо ба 1500 – 2000 мм ва дар водиҳои байникӯҳӣ ба 650 – 750 мм мерасад. Бештари боришот дар ох. тирамоҳ ва авв. зимистон (боронҳои сел) ба амал омада, тобистонаш аксаран хушк аст. Дарёҳои кӯҳии А. (калонтаринашон Дрин, Семанӣ, Вйоса, Шкумбинӣ ва Матӣ) дорои захираи калони энергетикӣ буда, барои киштигардӣ мувофиқ нестанд. Кӯлҳои калони Шкодер, Охрид, Преспа қисман ба А. тааллуқ доранд. Мурдобҳо низ бисёранд.

Хок ва олами набототи А. ба чунин минтақаҳои табиӣ тақсим мешаванд: а) минтақаи дашт ва нимбиёбон (то баландии 600 м), аз растаниҳои гармидӯст таркиб ёфтаанд; б) минтақаи бешаҳои кӯҳӣ (то баландии 2000 м), ки аз дарахтони сӯзанбаргу паҳнбарг – шамшод, булут, кастона, коҷи баргрез, санавбар иборатанд; в) минтақаи марғзорҳои кӯҳӣ (дар баландии 2000 – 2500 м). Аз ҳайвонот дар ин ҷо бештар хирс, гург, шағол, хуки ваҳшӣ ва дар баландиҳо бузи кӯҳӣ дучор меоянд. Парандагони мавсимӣ бисёранд. Дар А. 6 боғи миллӣ, 24 мамнӯъгоҳ ва ёдгориҳои табиӣ ба қайд гирифта шудаанд. Масъалаи ҷиддии экологӣ дар А. нобудшавии бешазор, олудашавии обҳои дохилӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ ва хизмати маишӣ мебошад.

Аҳолӣ. Дар А. албаниҳо 95%, юноniҳо 3% ва дигар миллатҳо (валаххо, сербҳо, лӯлиҳо, македониҳо) 2%-ро



ташкил медиҳанд. Забони давлатӣ – албанӣ. Забони юнонӣ низ мавриди истифода аст. 70 фоизи аҳолӣ мусулмонони суннимазҳабанд, 20% мӯътақиди православие ва 10% эътиқодмандони дини католикӣ мебошанд. Афзоиши солонаи аҳолӣ 0,55% буда, муҳоҷирати аҳолӣ ба хориҷи мамлакат зиёд аст. Аҳолии шаҳр – 47%. Ҳисоби миёнаи дарозумрӣ – 77 сол (занҳо – 80, мардҳо – 74,4). Зичии миёнаи аҳолӣ 123 нафар дар 1 км^2, қисми зиёди аҳолии мамлакат дар соҳилҳои наздибаҳрӣ маскан гирифтаанд.

Таърих. Аввалин бошандагони А. пеласгҳо (давраи неолит), сипас иллириҳо (аз ҳазораи 2 то м., давраи бронзаи «Маданияти Малик») буданд. Дар а-ҳои 7 – 3 то м. юнониён дар ин сарзамин якчанд колония барпо намуданд. А-ҳои 1 – 2 то м. ҳудуди ҳозираи А.-ро Рим истило кард. Дар ин давра муносибатҳои ғуломдорӣ равнақ ёфт. Баъди ҳуҷуми готҳо ва гуннҳо ба Рим ва барҳам хӯрдани империя А. с. 395 ба ҳайати Византия дохил шуд. Аз ох. а. 6 дар ҳоки А. қабилаҳои славянӣ сокин шуданд. Аз а. 10 то а. 13 А. бо навбат ба Булғория, Византия, давлати Норманҳо ва шоҳигарии Эпир тобеъ шуд. Дар ох. а. 13 – нимаи авв. а. 14 қисми ғарбии А. ба ҳайати шоҳигарии Неапол ва қисми шимолиаш ба ҳайати давлати Сербия дохил буд. Солҳои 1346 – 55 А.-ро шоҳи Сербия Стефан Душан забт кард. Шаҳрҳои Дуррес, Шкодер, Дришти, Влёра, Берит ва Лежа муҳимтарин марказҳои ҳунар ва тиҷорат гардиданд. Баъди барҳам хӯрдани давлати Душан ҷангҳои байнихудӣ сар зада, А.-ро суст карданд ва ин боис шуд, ки онро туркҳо истило намоянд. Соли 1443 муборизаи албаниҳоро зидди туркҳо Георгий Кастриоти – мулаққаб ба Скандербег сарварӣ кард. Ба ӯ муяссар шуд, ки низои байни феодалҳои албанро фурӯ нишонда онҳоро муттафиқ кунад. Давлати Скандербег дар давоми 25 сол фишори қӯшунҳои туркро дафъ намуд, аммо баъди вафоти ӯ туркҳо албаниҳоро шикаст дода, то с. 1479 қариб тамоми А.-ро ишғол карданд (он то нимаи а. 19 дар ҳайати Империяи Усмониён буд). Танҳо кӯҳистони А. мухторияти муайян дошта, ҳокимиятро дар онҳо шӯроҳои калонсолон таҳти сарварии «байрактар»-ҳо (байракдорон) идора мекарданд. Дар ин давра зӯран исломро ҷорӣ мекарданд ва аз нисф зиёди аҳолӣ ба ин дин гаравиданд. Зидди ин зӯроварӣ ва зулми туркҳо деҳқонон шӯришҳо мебардоштанд (1481, 1537, 1571, 1708 – 11, 1716 ва ғ.), вале бебарор буд. Ох. а. 18 – авв. а. 19 баробари заъиф гардидани Империяи Усмониён таъсири феодалҳои тачзияталаби албан афзуд. Ибт. а. 19 хонадони пошшо Бушати дар Шим. ва маркази мамлакат, Алипошшо Тепелен (ваф. 1822) дар ҷануби А., инчунин Эпир ва ғарби Македония давлатҳои ниммустақили худро таъсис доданд. Аз с-ҳои 40 а. 19 то с. 1912, замони фаро расидани бедории миллӣ аввалин намояндагони давраи Эҳёи А. – Н. Вехилкарчӣ, И. Де Рада, К. Кристофоридӣ, Т. Митко, Я. Врето, М. Фрашерӣ ва дигарон ба майдон омаданд. Аввалин мактабҳо, рӯзномаҳо, алифбои лотиниасоси албан пайдо шуданд. Ҳаракати озодихоҳии дар нимҷаз. Балкан зуҳуркарда А.-ро ҳам фаро гирифт. Баъди муборизаи дуру дароз 10 июни 1877 дар Призрен ташкилоте бо номи Лигаи албан таъсис ёфт, аммо вақте, ки Лига аз ҳукумати Туркия алоқаро канда, талаби мухторияти А.-ро ба миён гузошт ва худ ро ҳукумати муваққатӣ ва мухтори албан эълон кард, ҳукуматдорони Туркия онро торумор намуданд (1881). Дар аввалҳои а. 20 А., чун музофотҳои дигари Туркия, манбаи рақобати Австрия, Италия, Юнон ва дигар давлатҳои манфиатҷӯ қарор гирифт. Соли 1912 ҳангоми ҷанги якуми Балкан хоки А. аз ҷониби қӯшунҳои Черногория, Сербия ва Юнон ишғол гардид. 28 ноябри 1912 А. мустақил эълон шуд ва Ҳукумати муваққатӣ ташкил ёфт. Соли 1920 А. бо дастгирии Британияи Кабир узви Лигаи миллатҳо шуд, аммо вазъи ноором дар мамлакат идома дошт. Сербия ва Юнон даъвогари ҳудуди худ дар А. буданд (қӯшунҳояшон аз А. с-ҳои 1922 ва 1924 бароварда шуданд). Дар миёнаи с-ҳои 20 а. 20 А. муборизаи байни либералҳо ва миллатчиёнро ба сар мебурд. Баъди инқилоби июнии с. 1924 пешвои либералҳо епископ Ф. Нолӣ сари қудрат омад ва як қатор ислоҳот гузаронд. Аммо дек. ҳамон сол пешвои миллатчиёни мусулмон А. Зоғу аз хориҷи кишвар кӯшун даровард, дар А. табаддулот ба амал овард, либералҳоро аз сари қудрат дур кард. 21 янв. 1925 А. республика эълон шуда, баъди 10 рӯз Маҷлиси Миллӣ Зоғуро президент интихоб намуд. Конститутсияи нав (7 марти 1925) ба Зоғу имкониятҳои беҳудуд дод ва 1 сент. 1928 Маҷлиси муассисон ӯро «шоҳи албаниҳо» эълон кард. Зоғу гарчанде бо либералҳо зоҳиран созиш мекард, дар асл бо Италияи фашистӣ паймон баста, мамлакатро ба манбаи «ашёи хоми» он табдил дод: қисми бештари иқтисоди А. дар дасти ширкатҳои италиявӣ буд. 7 апр. 1939 А.-ро Италияи фашистӣ забт карда, ба ҳайати худ даровард. Зоғу аз мамлакат фирор кард. Конститутсияи ҷорӣ бекор карда шуда, шоҳи Италия Виктор Эммануил ҳамзамон шоҳи А. эълон гардид. Ҳизби фашистии маҳаллӣ, гвардияи шоҳӣ, 4 легиони фашистии милитсия таъсис ёфтанд. Баъди шикасти Югославия ва Юнон с. 1941 А. ба Косово ва баъзе ноҳияҳои ғарби Македония (ки моли Югославия буд) ва округи Чамерия (моли Юнон) соҳиб гашт. Соли 1941 ҳаракати Муқобилат таъсис ёфт ва зуд нерӯ гирифт. Ҷавҳари онро коммунистони СССР ва албанӣ (ноябри 1941 Ҳизби коммунистии Албания – ҲКА-ро таъсис дод) ташкил мекард ва он аз ҷониби Коминтерн дастгирӣ меёфт. ҲКА-ро Э. Хоҷа сарварӣ мекард. Баъдтар Фронти миллии озодихоҳӣ (1943), Шӯрои зиддифашистии миллии озодихоҳӣ (1944) ташкил ёфта, 17 ноябри 1944 Тирана ва 29 ноябр тамоми А. озод карда шуд (20 ноябр дар А. Рӯзи иди миллӣ аст). Мамлакат минбаъд бо роҳи сотсиализм рафтанашро изҳор кард. 11 янв. 1946 А. Республикаи халқӣ эълон шуда, ҲКА номи Ҳизби меҳнати Албания (ҲМА)-ро гирифт ва он тамоми иқтисоди кишварро дар даст медошт. Э. Хоҷа ва тарафдоронаш зидди та-



Маркази ш. Тирана.

моюли ғарбгаро̄й, аз ҷумла самтгир̄й сӯи Югославия буданд. Фев. 1949 А. узви Шӯрои Ҳамкории Иқтисод̄й ва Ташкилоти Аҳдномаи Варшава (майи 1955) гардид. Соли 1962 А. аз ҳайати ташкилотҳои иқтисодии зикршуда баромад, муносибатҳои иқтисодиашро бо СССР (1960) ва бо ҶХХ (ох. с-ҳои 70) барканд ва ин ҳама иқтисоди А.-ро дар с-ҳои 80 а. 20 хеле суст гардонд. Э. Хоҷа ба террори зидди роҳбарияти давлатию ҳизб̄й шурӯъ кард. Сарвазир Шехуро, ки ба худкуш̄й даст зад, расман ҷосуси Югославия эълон карда, чандин ҳамсафон ва тарафдорони ӯро ба қатл расонд. Ох. с. 1982 Рамиз Алия президенти А. интихоб шуд. Ӯ баъди марги Хоҷа (апр. 1985) самти беҳ кардани муносибат бо давлатҳо, махсусан бо ҳамсоядавлатҳоро пеш гирифт. Инқирози системаи сотсиалист̄й дар Европаи Марказ̄й ва Шарқ̄й дар ох. с-ҳои 80 – ибт. с-ҳои 90 а. 20 ба А. низ бетаъсир намонд. Аз янв. 1990 дар А. ба муносибатҳои бозор̄й ва муҳоҷирати аҳол̄й ба кишварҳои дигар иҷозат дода шуд. Июли 1990 муносибат бо СССР барқарор гардид. Дар кишвар системаи бисёрҳизб̄й ҷор̄й шуд. Ниҳоди ҳукмравоии ҲКА дар ҳукумати кишвар суст шуда, оппозитсия Ҳизби демократиро (ҲД) таъсис дод ва гузарондани интихоботи парламентиро ба миён гузошт (марти 1991, ин аввалин интихоботи кушод буд баъди с. 1923). Мамлакат Республикаи А. ном гирифт. Р. Алия боз Президент интихоб шуд. Соли 1991 ҲМА ва ҲДА, ки бо ҳам коалитсия (паймон) ташкил карда буданд, душвориҳои иқтисодиро таҳаммул карда натавонистанд. Алия истеъфо дод. Пешвои демократҳо Бериша Президент интихоб шуд, ӯ самти аз ҷудогузории беруна нав̧от ёфтанро пеш гирифт. Соли 1991 А. узви САҲА (ОБСЕ) ва 1995 узви Иттиҳоди Европа шуд. 97% фоизи заминҳои корам хусус̄й гардонда шуд. Дар шароити бӯҳрони молиявӣ, решаронии ришва, сар боло кардани гурӯҳҳои ҷино̄й беҳ намудани вазъи иқтисод̄й душвор гардид. Ҳукумат маҷбур шуд ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои демократ̄й, назорат аз болои ВАО ва ҳатто сохтакории натиҷаи интихобот (1996) рӯ оварад. Соли 1997 дар саросари мамлакат балвоҳо сар зада, дар маҳалҳо ҳокимиятро гурӯҳҳои мусаллаҳ идора мекарданд. Роҳбарияти А. аз НАТО дархост кард, ки он ба мамлакат қувваҳои мусаллаҳи худ – контингенти ҳайати италиявиашро ворид кунад. Дар интихоботи с. 1997 ҲСА голиб омада, сотсиалистҳо сарвазир Ф. Нано ва президент Р. Мейданиро сари қудрат оварданд. Соли 1998 Қонуни нав қабул шуда, А. республикаи парламент̄й гашт. А. с. 2009 узви НАТО гардид. Масъалаи Косово ва гурезагони дар А. ҷойгирифтаи он мушкили имрӯзаи мамлакат аст.

Иқтисодиёт. А. мамлакати индустриявӣ-аграр̄й буда, ҳоло низ яке аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисод̄й қафомондаи Европа ба ҳисоб меравад. Дар А. соҳаи сӯзишворию энергетик̄й мавқеи асосиро ишғол менамояд. Қариб 97 фоизи қуввати барқ (6 млрд квт/соат дар як сол) дар нерӯгоҳҳои об̄й истеҳсол карда мешавад (калонтарин нерӯгоҳҳои А. «Фиерза» ва «Комант̄й» дар д. Дрин). Корхонаҳои калонтарини саноатии А.: комб. металлург̄й дар Элбасан, корхонаи мисгудоз̄й дар Лячи, з-ди прокати мис дар Шкодер, комб. истеҳсоли нуриҳои минерал̄й дар Лячӣ ва Фиер̄й, комплекси химиявӣ дар Влёра, з-дҳои асфалту битум дар қисми ҷанубу ғарб̄й, ф-каи коркарди чӯб ва мебел дар Элбасан; ф-каҳои саноати бофандаг̄й дар маркази мамлакат ва ғ.

Кишоварз̄й соҳаи асосии А. буда, зиёда аз 30 фоизи даромади миллиро медиҳад. Ҳоло (2010) 49 фоизи қаламрави А.-ро заминҳои кишоварз̄й банд намудаанд. Қисми зиёди заминҳои корам дар ҳамвориҳои наздисоҳил̄й ва пастии Корча ҷойгир шудаанд. Ҳиссаи заминҳои обёришаванда хеле зиёд буда, 55 фоизи майдони киштро дар бар мегиранд. Зироатҳои муҳими киштшаванда: ғалладона (гандум, ҷуворимакка), зироатҳои техник̄й (пахта, тамоку, лаблабуи қанд), сабзавоту хӯроки чорво (пастии Корча). Боғу токзорҳо (себ, нок, олу, ангур, анҷир, афлесун, бодом ва ғ.) солҳои охир хеле зиёд шуда, бештар дар ноҳияҳои кӯҳсор (Влёра, Корча) ҷойгиранд. Дар баландиҳои наздикӯҳ̄й ва теппаҳо плантатсияҳои дарахтони зайтун ва тамокузорҳо масоҳати хеле зиёдро ишғол намудаанд. Қариб дар тамоми гӯшаҳои А. чормағз, ғор вомехӯранд. Хоҷагии ҷангал асосан дар Шим. А. инкишоф ёфтааст. Чорводор̄й дар А. ба шакли анъанав̄й буда, чун дар дигар мавзеъҳои кӯҳистони ҷаҳон чорво тобистон дар баландкӯҳ ва зимистон дар водиҳо чаронида мешавад. Дар чорводории мамлакат моли майда (бузу гӯсфанд) бештар аст. Моҳипарвар̄й дар кӯлҳои Шкодер, Охрида, Преспа ва кӯлҳои дигари наздисоҳил̄й ба роҳ монда шудааст.

Дар А. **нақлиёт**и автомобил̄й бартар̄й дорад, шоҳроҳҳои асосии он: Шкодер – Дуррес – Влёра – Саранда аз соҳили дарёҳою қисми кӯҳистони мамлакат мегузарад. Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард ба 18 ҳазор км ва роҳҳои оҳан ба 447 км мерасад. Дар А. 8 аэропорт мавҷуд аст, аэропорти байналхалқ̄й – Ринас. Дарозии роҳҳои нақлиёти обии дохил̄й 43 км. Равобити иқтисодии А. бештар бо Италия, Юнон, Туркия ва Германия сурат мегирад. Қариб тамоми ҳаҷми савдои берунии А. бо нақлиёти баҳр̄й ва ба воситаи бандарҳои Дуррес, Влёра, Сарандон, Шенгин̄й анҷом дода мешавад. Қубурҳои интиқоли нефт – 207 км, газ – 339 км. (2010). А. маҳсулоти бофандаг̄й, пойафзор, металлҳои гуногун, нефт, мева, сабзавот ва тамоку ва ғ-ро содир, мошинаю таҷҳизот, маҳсулоти химиявӣ ва хӯрокворирo ворид мекунад. Ба мамлакат аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнат̄й маблағи зиёд ворид мешавад. Сатҳи зиндагии аҳол̄й паст аст.

Ба соҳаи тандурустӣ 4% ММД сарф мешавад. Дар А. варзиш низ мақом дорад. Комитети олимпии А. аз ҷониби Комитети олимпии байналхалқ̄й с. 1959 эътироф шудааст, намудҳои тирандоз̄й ва варзиши вазнин бештар маъмуланд.

Илм ва маориф. Дар тамоми мамлакат системаи таҳсилоти умумии ҳатмии 8-сола (синни 6 – 14-сола) ҷор̄й гардидааст. Соли 1957 донишгоҳ дар Тирана ва минбаъд донишгоҳҳои омӯзгор̄й дар Шкодер (1958), Гирокастр ва Элбасан (1971), донишгоҳҳои кишоварз̄й дар Тирана ва Корча ба кор шурӯъ намуданд. Соли 1973 дар А. Академияи илмҳо таъсис ёфт.

Китобхонаҳои калонтарини А.: Китобхонаи милл̄й (1922), Китобхонаи Донишгоҳи Тирана. Осорхонаҳои А. асосан дар Тирана ҷой гирифтаанд: Музейи маданияти миллии албан, Нигористони саноеи нафиса, Музейи миллии археологияи назди Ин-ти археологияи АИ (1948),

Музейи таърихи миллӣ (1981), Музейи табиатшиносӣ; Музейи санъати меъморӣ, Музейи уқнуманигории «Онуфрий» (дар ш. Берат) ва ғ. Дар аксари ш-ҳои А. музейҳои маҳаллии таърихӣ ва этнографӣ, хона-музейҳо фаъолият доранд.

Матбуот, радио, телевизион. Аввалин рӯзнома ва мачаллаҳо дар А. с-ҳои 1920 – 30 нашр мешуданд. Дар мамлакат наздики 100 рӯзнома (11 номгӯй дар Тирана) ва мачалла ба табъ мерасад; калонтаринашон: «Rilindia Demokratike», «Republika», «Alternativa SO». Радиошунавонӣ ва намоишҳои телевизиониро як шабакаи давлатӣ ва 10 ширкати хусусӣ (асосан шабакаҳои иттилоотии ҳизбҳо) ба амал мебароваранд.

Адабиёт. Дар адабиёти А. манзума ва достонҳо бахшида ба паҳлавонҳо ва сурудҳои таърихӣ фаровонанд. Нахустин осори хаттии албанӣ, ки то имрӯз боқӣ мондааст, «Формулаи ғусли таъмид»-и епископ Палячи Энгели (1462) мебошад. Аввалин асари Гйон Бузуку ба забони албанӣ бо номи «Мэшарӣ» с. 1555 ба табъ расида буд. А-ҳои 16 – 17 давраи инкишофи адабиёти динист. Дар назми ин давра таъсири мавзӯъ ва образҳои адабиёти форсию туркӣ ба назар мерасад. Асри 18 дар Берат назми ба ном «бейтечӣ» интишор ёфт (ба забони албанӣ ва бо хати арабиасос), ки саршор аз ғояҳои маорифпарварӣ буд. Дар адабиёти А. эҷодиёти абарешҳо – муҳоҷирони нимаи дуюми а. 16 ба Италияи Ҷанубӣ (Колабрия, Ситсилия) ҳичраткарда мавқеи хос дорад, ки ҷавҳараш эҳсоси ватандӯстӣ ва романтизм аст. Ташаккули забони адабии муосир, адабиёт ва публитсистикаи А. дар даврони бедорию худшиносӣ ва эҳёи миллӣ сурат гирифт. Асосгузори алифбои албанӣ маорифпарвар Наум Вехилкарҷӣ (1797 – 1866) мебошад. С. Фрашерӣ, К. Кристофоридӣ – тартибдиҳандагони грамматикаи забони албанӣ барои тоза кардани он аз аносири юнонӣ ва туркӣ кӯшиш кардаанд. Дар ин давра асари «Таърихи ҳаёт ва корнамоиҳои Скандербег»-ро нависандаҳои инсондӯст П. Будӣ, Ф. Барде, П. Богданӣ ва М. Барлети таълиф намуданд. Муборизаи албаниҳо бар зидди зулми туркҳо шавқу рағбатро ба эҷодиёти халқ зиёд кард. Яке аз асосгузорони адабиёти нави А. С. Фрашерӣ буд, ки асарҳои ӯ достони «Рама ва киштзор», «Саргузашти Скандербег» ва ғ. шӯҳрати калон пайдо намудаанд. Дар байни нависандагони а. 19 албан И. Де Рада мақоми намоён дорад. Шоирони барҷастаи реалисти а. 20 А. Чаюпӣ ва Н. Мйедӣ тарафдори истиқлоли миллӣ ва муборизаи албанҳо бар зидди асоратгарон буданд. Бисёр асарҳои шоирону нависандагони албанӣ ба мавзӯи истиқлоли миллӣ ва муборизаи зидди истилогарони аҷнабӣ бахшида шудаанд (махсусан, асарҳои солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар мавзӯи муборизаи ба муқобили фашизм, корнамоиҳои партизанӣ; (романи Д. Шутеричӣ «Озодкунандагон», 1952 – 55, П. Марко «Охирин шаҳр», 1960). Аз нависандагони замони охир Исмоил Кадаре (тав. 1935), муаллифи 15 роман (ба 40 забони дунё тарҷума шудааст) машҳур мебошад. Ӯ дар адабиёти Европаи муосир нақши арзанда дорад. Дар соҳаи нақди адабӣ ва тазкирасозӣ асарҳои олим ва мунаққид Роберт Эйфел «Таърихи адабиёти албан» (Нюйорк, 1995) ва «Таърихи мухтасари адабиёти албан» (2005, Германия), ки осори адибони бузургу ҷавони миллатро гирдоварӣ ва таҳлил кардааст, хидмати бузургест барои А. ва фарҳанги он. Асарҳои солҳои охир аксар оид ба мавзӯи дигаргунсозии иҷтимоӣ, ҳифзи табиат, ҳаёти одамони мамлакат баҳс мекунанд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Аз замони антиқа то имрӯз намунаи мегалитҳо (сангҳои калонҳаҷм), ки осори меъмории иллириҳоро акс намудаанд, ёфт шуданд. Дар А. аз а. 7 то м. бисёр истеҳкомҳои мудофиавӣ, биноҳои ҷамъиятӣ ва истиқоматӣ сохта шуда, аз колонияҳои юнонии Апполония, Бутротон, Диррахӣ (ҳоло Дуррес) муҷассамаҳо ва намунаҳои ашёи кулолӣ боқӣ мондаанд. Дар даврони ҳукмронии римиҳо шаҳр-қалъаҳо, маъбадҳо (бо услуби византиягиву романӣ) сохта мешуданд. Баъди истилои туркҳо ба меъмории А. шаклу ороишоти хоси услуби Шарқи Наздик ворид гашт, масҷиду қасрҳо пайдо шуданд. Дар шаҳрҳои ҳозираи А. маҳаллаҳое ҳастанд, ки шакли асримиёнагии худро нигоҳ доштаанд. Ох. а. 17 маъбадҳои православӣ низ сохта мешуданд (дар онҳо уқнумнигорӣ ривоҷ ёфт). Дар авв. а. 20 баъди пешравии ғояҳои миллӣ санъати наққошӣ ва ҳайкалтарошӣ авҷ мегирад. Аз с-ҳои 20 а. 20 аввалин муҷассамаҳои гуногуни аз санг ва дигар масолеҳ сохташуда равнақ меёбад. Байни ду ҷанги ҷаҳонӣ якчанд мактабу равияҳои санъати меъморию тасвирӣ пайдо шуда то имрӯз рушд доранд (машҳуртаринаш зери роҳбарии Зеф Коломбӣ). Санъати ороиши амалии А.-ро бештар намунаи асбобу ашёи нуқрагӣ ва дигар ҳунарҳои халқии замонҳои пеш ва намунаҳои эҷоди ҳунармандони имрӯза инъикос менамоянд.

Театр ва кино. Аввалин намоишҳои театрӣ дар мамлакат с. 1874 барпо гаштаанд. Драматургияи миллиро нависандагони маорифпарвар С. Фрашерӣ, М. Грамено, Ф. Нолӣ, А. Чаюпӣ ва дигарон ривоҷ доданд. Дар с-ҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 44) театрҳои партизанӣ вуҷуд доштанд. Соли 1944 дар асоси ҳамин театрҳо аввалин театри касбӣ – Театри халқӣ дар Тирана ташкил гардид. Театрҳои касбӣ дар ш-ҳои Шкодер (1949), Корча (1950) ва Дуррес (1953) низ ташкил шудаанд. Аз с-ҳои 50 а. 20 киностудияи «Албанияи нав» (Тирана) кор мекунад. Филми «Сарбози бузурги Албания Скандербег» аввалин тачриба буд дар соҳаи кинематографияи бадеӣ. Аз с. 1958 филмҳои пурраҳаҷми бадеӣ, хуҷҷатӣ ва илмию оммавӣ (хеле кам) бароварда мешаванд.

Ад.: Валев Э. Б., Албания, М., 1960; Все страны мира (Энциклопедический справочник), М., 2004; Новая Российская Энциклопедия, ч. 2, М., 2005; Страны мира (современный справочник), М., 2008. *Х. Муҳаббатов.*

АЛБАНИЯГИ́ҲО (худашон шкиптар, шчиптар мегӯянд, аз шчип – гуфтори фасеҳ), халқият, аҳолии асосии *Албания*. Дар ибт. а. 21 шумораи А.-ҳо дар Албания беш 3250 ҳазор нафар мебошад. Ҳамчунин дар Югославия (асосан дар Косово 1985 ҳазор нафар), Македония (500 ҳазор нафар), Юнон (80 ҳазор нафар), Италия ва ҷаз. Ситсилия 130 ҳазор нафар), Туркия (15 ҳазор нафар), Булғория, Руминия, Украина, ШМА (115 ҳазор нафар) зиндагӣ доранд. Ҷамъи А. беш аз 5 млн нафаранд. Забонашон



Либоси миллии Албаниягиҳо.

албаниявӣ (гурӯҳи алоҳидаи оилаи забонҳои ҳиндуевропоӣ). Хаташон лотинист.

Иллирийҳо ва фракийҳо қабилаҳои аҷдодии А. маҳсуб мешаванд. Ҳукуматдории римиҳо (а. 2 то м. – а. 4 то м.), истеъмори славянҳо (а-ҳои 6 – 7), нуфузи Юнон ва муборизаи оштинопазири байни калисоҳои католикию православӣ ба фарҳангу забон ва симои этникии А. таъсири бориз гузошта буд. Аз ибт. а. 11 этноними А. («арберҳо») ҳамаи сокинони Албанияро фаро гирифт. Давлатдории туркҳои Усмонӣ (ох. а. 15 – 1912) А.-ро ба муҳоҷирати иҷборӣ (ба навоҳии гуногуни империяи Усмонӣ, Италия, Россия) мувоҷеҳ кард, ки ба иҷтимоиёт, хоҷагидорӣ, фарҳанг, маишат ва дигар ҷабҳаҳои зиндагии А. таъсири манфӣ расонд. Дар а-ҳои 17 – 18 дар натиҷаи ҳуқуқпоймолкунии шадид аз тарафи аҳолии мутаассиби масеҳӣ аксари А. ба *Ислом* гаравиданд. Минбаъд этноними «арберҳо» тадриҷан ба этноними нав – «шкиптар» табдил ёфт, ки мутобиқи он «фасеҳгуфторон» (яъне А.) аз истисморгарон (туркҳо) бо гуфтори худ фарқ мекарданд. Аз миёнаҳои а. 19 равандҳои муттаҳидшавии этникӣ тақвият ёфта худшиносии миллии А. равнақ гирифт. Охирҳои а. 19 забони адабӣ дар асоси лаҳҷаи (тоскийӣ) (дар Албания аслан ду шеваи гуфтор аз қадим мавҷуд буд, яке тоскийӣ, ки ба он аҳолии вил. Тоскэрия дар ҷануб ва дигаре гетӣ, ба он мардуми вил. Тегэрияи Шимол гуфтугӯ мекунанд) шакл гирифт.

Муборизаи миллӣ-озодихоҳонаи А. муқобили истибдоди туркҳо (с. 1912 соҳибистиқлол шуданд) ва баъдҳо алайҳи ишғолгарони италиявию германиявӣ (1939 – 44) равандӣ муттаҳидшавии миллиро суръат бахшид. Хоҷагидории маъмулии А. аз заминдорӣ (тамоку, гандум, ҷуворимакка, шоликорӣ, парвариши меваҳои ситрусӣ) ва чорводорӣ (бузу гӯсфанд) иборат буда, саноати сабук, корхонаҳои маъданкоркунӣ, нефтистеҳсолкунанда низ мӯътадил амал мекунанд. Оид ба дигар бахшҳои зиндагии А.-ҳо ниг. *Албания.*

Ад.: Брокгаузъ Ф. А. и Ефронъ И. А., Энциклопедический словарь, С.-Пб., 1890; ЭСТ, ҷ. 1, Д., 1978; Советский Энциклопедический словарь, М., 1985; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005; Страны мира (современный справочник), М., 2008; *Б. Раҳматов.*

АЛБАСТӢ, яке аз тимсолҳои асотирӣ, ки дар байни мардум дар шаклҳои «алмастӣ», «алвастӣ», «алборсӣ», «олмастӣ», «холмастӣ», «ҳайвастӣ», «мома» низ ба назар мерасад. А. дар байни ҳамзабонони эронии мо бо номҳои «бахтак», «девбахтак», «кобус», «модарол», «уммасибён», «духтари ибни малъун», «алихунагӣ», «алихул», «алидевона» машҳур аст. Дар баъзе гӯишҳои лаҳҷаҳои тоҷикӣ симиён, симиёнпарӣ, она симён низ гуфтаанд. А. як мавҷуди зиёнкоре аст, ки маъмулан ба сурати зане бо дасту пои логар ва чеҳраи сурхфом ва бинии сурх бар зани зоянда зоҳир мешавад. Дар баъзе минтақаҳои кишварҳои форсизабон А.-ро мавҷуди хаёлии шабеҳи ҷин тасвир кардаанд, ки қиёфааш ба занҳо шабоҳат дорад бо бинии сурхранги калон ва пистонҳои хеле бузург, ки ҳеҷ вақт ба чашм дида намешавад. А.-ро «ол» низ мегӯянд. Кори «ол» ин аст, ки ҷигари зани тозазоро берун кашида дар сабаде пинҳон мекунад ва агар муваффақ шавад бо сабад аз об бигзарад, зани тозазо ҷон медиҳад. Мафҳуми «ол» ё «бахтак» дар боварҳои мардумӣ гоҳе «деви шаб» ҳам номида шудааст, ки ҳангоми хоб ба ҷустуҷӯи инсон меояд, рӯи синааш менишинад ва ӯро хафа мекунад ё ба шаҳвоният меандозад. Бахтакҳо ду навъанд: модина ва нарина, ки аввалӣ мардон ва дувумӣ занонро дар хоб дучори васваса мекунад. Дар Эрон ва Арманистон гӯё «ол» ё бахтаки дуҷинсӣ аст ва фарқе миёни нарина ва модинаи он дида намешавад. Вожаҳои дигаре монанди модарол, уммасибён ва духтари ибни малъун низ ҳастанд, ки бар ин мавҷуд нисбат дода шудаанд ва модинаи он дар назар дошта шудааст. А. ва ё Ол дар боварӣ мардум ба ҳар шакле, ҳатто ба сурати ҳайвон ҳам меоянд. Дар Ровари Кирмон ин мавҷуд «хафту» номида мешавад ва ақида доранд агар шахс ба мавқеъ бедор шавад ва бинии ӯро бигирад, метавонад ҳарчӣ хоста аз ӯ бихоҳад ва аз дасти ӯ раҳо шавад.

Барои пешгирӣ аз хатари А. ва тарсондани вай мардум панҷ ё се пиёзро ба сих кашида ё 12 фатилаи пахтагини як тарафаш сафед ва тарафи дигараш ба дег сиёҳ кардаро ба гӯшаи хона мегузоранд. Дар баъзе ҷойҳо барои тарсондани А. туфанг ва ё шамшер мегузоранд. Тавре ки мардум мегӯянд, А. ҳангоми таваллуди кӯдак пайдо мешавад, гоҳе ба кӯдак ва гоҳе ба модар, гоҳе ба зани ҳомилаи танҳо, наварӯсон, шахсони муҷаррад низ зарар мерасондааст. Аз сабаби он ки дар гузашта падару модар кӯдакони худро «албастӣ омад» гуфта метарсонданд, ин образ дар фолклори кӯдакон низ дучор мешавад. Андреев М. дар асари худ «Таджики долины Хуф» дар бораи А. иттилоъ дода мегӯяд, ки дар байни тоҷикони Хуф А. душмани аслии таваллуди кӯдак ба ҳисоб мерафтааст. Имрӯзҳо низ дар байни мардуми тоҷик дар бораи А. нақлҳое ҳастанд, ки дар фолклоршиносии тоҷик онро ҳамчун образи ҳикояҳои асотирӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор додаанд.

Ад.: Андреев М. С., Таджики долины Хуф (Верховья Аму-дарьи), выпуск 1, Сталинабад, 1953; Асатирян Г., Деви бахтак // Эроншиносӣ. 1378, №3; Муродов О., Дар пардаи сеҳр ва ҷоду, Д., 1990; Ёҳақӣ М., Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ, Т., 1386; Раҳмонӣ Р., Ҳикояҳои асотирӣ // Фолклор, забон, адабиёт, Д., 2004. *Р. Раҳмонӣ.*

АЛБЕ́ДО (аз лот. albus – сафед), қобилияти шуоинъикоскунии ҷисм; нисбати сели шуои аз сатҳе инъикосшуда ба сели шуои ба он сатҳ афтода. Дар оптика ва астрономия вобаста ба геометрияи сатҳи инъикос-кунанда якчанд намуди А.-ро фарқ мекунанд. А.-и ҷисми мутлақ сафед ба як ва ҷисми мутлақ сиёҳ ба сифр баробар мебошад. А.-ҳои сатҳи ҷисмҳои муқаррарӣ дар байни сифр ва як воқеанд. А.-и ҷирмҳои кайҳоние, ки атмосфера доранд, хеле калон аст. Қимати А. барои дарозиии додашудаи мавҷ ё фосилаи дарозиҳои мавҷ ба тавсифоти спектрии сатҳи инъикоскунанда вобастагӣ дорад. Бинобар ин А.-и фосилаҳои гуногуни сепектрӣ (А.-и оптикӣ, ултрабунафш, инфрасурх) ё дарозии мавҷ (А.-и монохроматикӣ)-ро фарқ мекунанд. Дар кишоварзӣ А. ба рутубатнокии хок вобаста буда, баробари афзудани он кам мешавад, ки ин дар раванди тағйирёбии реҷаи ҳароратии майдонҳои обёришаванда аҳамияти

Албедои сайёраҳо ва баъзе резасайёраҳои системаи Офтоб		
Сайёра	Албедои геометриявӣ	Албедои сферавӣ
Уторид	0,106	0,119
Зӯҳра	0,65	0,76
Замин	0,367	0,39
Миррих	0,15	0,16
Муштарӣ	0,52	0,343
Зуҳал	0,47	0,342
Уран	0,51	0,3
Нептун	0,41	0,29
Плутон	0,6	0,5

калон дорад. Қимати хурдтарини А. дар нисфирӯзӣ (пешин) ва дар давоми сол дар тобистон мушоҳида мешавад. А.-и сатҳҳои табиӣ гуногун аст. А.-и барфи хушк – 80 ÷ 95, гилхок – 20 ÷ 35, алафи тару тоза – қариб 25, майдони ғалладона – 10 ÷ 25, майдони пахта

– 20 ÷ 25 мешавад. А.-и аппарати париши кайҳонӣ ҳар қадар зиёд бошад, нурҳои Офтоб сатҳи онро ҳамон андоза кам гарм мекунанд. А.-и г е о м е т р ӣ ва А.-и Бонд (с ф е р а в ӣ)-ро фарқ мекунанд. А. бо а л б е д о м е т р чен карда мешавад, ки он ду сатҳ дорад: яке барои чен кардани шуои афтанда ва дигаре барои чен кардани шуои инъикосшуда. *С. Содиқова*.

«АЛБИ́НА», навъи писта. Дар Пойгоҳи тачрибавии ҷангали Тоҷикистон бо роҳи интихоб аз пистазори Пасигачи ноҳ. Данғара рӯёнда шудааст (Чернова Г. М., Олехнович Г. С.). Аз с. 1984 дар доманакӯҳҳои манотиқи Кӯрғонтеппа ва Кӯлоби вил. Хатлон мепарвараранд. Буттааш миёнақади зудсабз, сершох; пӯстлохаш хокистарранг. Баргаш ҳачман миёна, сабзи сиёҳтоб. Булаш калон, бебӯй, якҷинса (модина). Самараш байзашакл, пӯчоқаш тунук, вазни 100 донааш 85 г; мағзаш сабз (60% равған, 4,5% қанд, 13% сафеда дорад), аз пӯчоқ нағз ҷудо мешавад. Ба касалӣ ва ҳашароти зараррасон тоб меоварад. Пистазорҳои онро аз ниҳолҳои пайвандӣ бунёд менамоянд. Дар байни ҳар 4 – 5 бех ниҳоли модина як бех ниҳоли нарина пайванд кардан мувофиқи матлаб аст. *Н. Камолов.*

АЛБИНИ́ЗМ (аз лот. albus – сафед), вуҷуд надоштани пигментатсияи муқаррарӣ: дар одам ва ҳайвонот ранги муқаррарии пӯст, мӯй, пардаи чашм; дар растаниҳо – ранги сабз. А. аломати ирсӣ буда, аз мавҷудияти гени ретсессивӣ, ки дар ҳолати гомозиготӣ синтези пигментҳо (дар растаниҳо – хлорофилл, дар ҳайвонот – меланин)-ро бозмедорад, вобаста аст. Мас., агар ду растании гени А.-и ниҳонидошта гардолуд карда шаванд, он гоҳ дар насли онҳо ба ҳар се растании сабз як растании бехлорофилли ғайри қобили ҳаёт пайдо мешавад. Алорангии барги растаниҳо ба мавҷудияти гени А. дар қисми ҳуҷайраҳои барг вобаста аст. Навъи дигари А.-и растаниҳо ба тағйирёбии ирсии *хлоропластҳо* алоқа дорад. Дар одам ва ҳайвонот коэф. зуҳуроти А., яъне мавҷуд будани гени А. дар ҳолати гомозиготӣ, баробари 1:20000 аст.

АЛБИ́Т (лот. albus – сафед), минерали гурӯҳи шпатҳои даштӣ – плагиоглазҳо. Формулаи химиявиаш $Na[AlSi_2O_8]$, системаи кристаллбандиаш – триклинӣ, кристаллҳояш хурди ҷадвалӣ, рангаш сафед ё зарди бӯртоб, ҷилояш шишагун, сахтиаш 6 – 6,5, зичиаш 2610 кг/м^3. А. чун минерали ҷинсофарин асосан дар таркиби ҷинсҳои ишқорӣ (граниту сиенитҳои ишқорӣ) ва пегматитҳо вомехӯрад. А. дар таркибаш 11,67% Na_2O, 19,35% Al_2O_3, 68,44% SiO_2 ва ғашҳои K, Ca, Rb, Cs дорад. А. душворгудоз буда, дар кислота суст ҳал мешавад. Ташаккули А. ба равандҳои метасоматикӣ марбут аст. Агрегатҳояш зич, шуоъдор ва дар шакли дона-дона мебошанд. А.-и холис дар кулолгарӣ истифода мегардад. Барои ороиш намунаҳои хосияти «чашми гурба» доштаи А. ва дар таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани дараҷаи *метаморфизм* ба кор мебаранд.

АЛБИТОФИ́Р, к ё р а т о ф и р, ҷинси кӯҳии магмавӣ, ки сохти порфирӣ дорад. Асосан аз *албит* ва миқдори ками кварс, ортоглаз, хлорит иборат аст. Дар таркиби ҷинс ғурӯшаҳои албит хол-хол ҷойгир шудаанд. А. дар натиҷаи метаморфозаи гудозаҳои трахитӣ ва андезитӣ пайдо мешавад. Дар байни ҷинсҳои эффузивии қадими Урал, Кавказ, Осиёи Марказӣ (аз ҷумла дар аксар кӯҳҳои Тоҷикистон) паҳн гаштааст.

АЛБО́М, 1) воситаҳои аёние, ки аз мачмӯи сурат, расм, гербарий, нақша ё дигар тасвирот иборат буда, ба мавзӯи муайян, фасл ё пурра ба барномаи ягон фан бахшида шудааст. А.-ҳо доир ба расмкашӣ, адабиёт, таърих, география, биология, технология ва баъзе дигар фанҳо чоп карда мешаванд. А.-ҳоро ба шакли китоб ё нақшадон (ҷузвдоне, ки дохили он варақҳои алоҳида гузошта шудаанд) тайёр мекунанд. Агар андозаи А. ва тасвироти он калон (аз масофаи нисбатан дуртар дида шаванд) бошанд, он гоҳ онҳоро чун воситаи аёнӣ истифода мебаранд ва агар тасвирҳо хурд бошанд, он гоҳ А.-ҳоро барои кори мустақил ба талабагон тақсим карда медиҳанд. Дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои олӣ баъзан А.-ҳое месозанд, ки дар онҳо мақола аз рӯзномаю мачаллаҳо, маводи ба собиқадорони ҷангу меҳнат ё кишвари азиз бахшидашуда, ба тачрибаи истеҳсолӣ, меҳнати фоиданок вобастабуда ва ғ. гирд оварда мешаванд; 2) дафтаре, ки муқоваи махсус дорад ва барои нақшакашӣ, навиштани шеърҳо, ҷой додани коллексияҳо, суратҳо ва ғ. истифода мешавад.

АЛБРУ́С, Э л б р у с, баландтарин қуллаи қаторкӯҳи Паҳлуии Кавкази Калон. А. махрути дусараи вулқони хомӯш буда, аз гудозаҳои андезитӣ, хоро ва варақсанги кристаллӣ таркиб ёфтааст. Қуллаи ғарбӣ (5642 м)



Қуллаи Элбрус.

аз шарқӣ (5595 м) бо гарданаи амиқ ҷудо шудааст. Масоҳ. пиряхҳо 134,5 км^2. Аз наздикии А. д. Кубан сар мешавад. Ду сари қ.-и А. пӯшиши фирнӣ ва яхӣ дошта, аз онҳо 54 пиряхи сарозер ба вуҷуд омадаанд (калонтаринашон Азауи Калон, Ирик, Терскол). Қуллаи шарқии А.-ро аввалин бор (1829) роҳбалади экспедитсияи рус К. Хаширов (қабардин) ва қ.-и ғарбиашро (1874) кӯҳнавардони англис (роҳбарашон Ф. Грове) бо роҳбалад А. Саттаев (балқар) фатҳ кардаанд. Солҳои Ҳокимияти Советӣ баландиҳои дастраси А. ба минтақаи кӯҳнавардӣ ва доманаҳояш ба мавзеи туризм ва варзиши лижаронӣ табдил ёфтанд. А. яке аз марказҳои кӯҳнавардӣ ва туристӣ дар Кавказ аст.

АЛБУМИ́НҲО (аз лот. albumen – сафедии тухм), сафедаҳои табиӣ, ки дар бофтаҳои наботот ва ҳайвонот мавҷуданд. Дар об ва сулфити аммонийи 50-фоиза ҳал мешаванд; дар мавриди ҷӯшондани маҳлули обӣ сохтори А. тағйир меёбад. А. аз аминокислотаҳо иборатанд; онҳо метавонанд бо карбогидратҳо, липидҳо ва дигар сафедаҳо пайваст гарданд. Миқдори А. дар таркиби меваҳо бо мурури пухта расидани онҳо афзуда, баъд кам мешавад (ба шароити обу ҳаво ва агротехникаи парвариш вобаста аст). Мас., дар ғужми ангур 65% (35% глобулин) ва дар тухми он то 28% А. вуҷуд дорад. Сафедаи ҳалшавандаи шираи ангур аз ҷиҳати таркиб ба А. наздик аст. А. дар *майкашӣ* аҳамияти калон доранд. Як қисми А. сафедаи *ферментҳо* мебошанд. Ҳангоми нигоҳ доштани шираи ангур А. қисман таҳшин мешаванд. А. манбаи пептидҳо ва аминокислотаҳои май маҳсуб меёбанд. А.-ро дар шакли кристаллӣ ҳосил кардан мумкин аст. А.-и ҳайвонӣ дар сафедаи тухм, зардоби хун, шир мавҷуданд. Ба А.-и наботӣ ритсин, лейкозин, легумелин тааллуқ доранд. А.-ро дар истеҳсолоти қаннодӣ, бофандагӣ, дорусозӣ ва тиб кор мефармоянд.

АЛБУ́РЗ, кӯҳҳои Эрон, ки соҳили Баҳри Каспийро аз ҷануб фаро гирифтаанд. Дарозии А. қариб 900 км, бараш то 120 км, баландиаш то 5604 м (вулқони хомӯши Дамованд). А. якчанд қ-кӯҳҳои мутавозиро дар бар гирифта, асосан аз оҳаксангу регсанг ва ҷинсҳои вулқонӣ таркиб ёфтааст. Нишебиҳояш фароз, сатҳаш нисбатан ҳамвор. Кӯҳҳоро водии д. Сафедрӯд бурида мегузарад. Дар нишебиҳои шимолии А. бешаҳои зичи дарахтони паҳнбарг, дар нишебиҳои ҷанубии он буттаҳои ксерофитӣ (хушкидӯст) мерӯянд. Конҳои нефт ва маъдани мис дорад.

АЛБУ́РЗ, Албурзкӯҳ, номи кӯҳи устураист, ки дар ҳамосаҳо, қиссаву ривоятҳо, афсонаҳои мардуми ориёинажод вомехӯрад. Қиссаву ривоятҳо оид ба А. дар байни мардуми ориёӣ дар замони бостон, ҳангоми ҳаракати онҳо ба тарафи Кавказ ва ба ғарби Эрон ба вуҷуд омадаанд. А. дар оғоз кӯҳҳои соҳили д. Аму буданд, сипас ба ин ном кӯҳҳои дигарро ном бурдаанд. Элбруси Кавказ низ А. мебошад. Дар қисми шим. Эрон низ кӯҳе бо ин ном вуҷуд дорад. Дар Авесто (бахши «Яштҳо») муодили А. калимаи Ҳара-березаити – Кӯҳи баланд мебошад. Калимаи «бурз», ки дар забони форсии тоҷикӣ дар осори шоиру нависандагон, мас., «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ вомехӯрад, маънои баланд, «Боло»-ро дорад. Маънои калимаи «бурзболо» (дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба шакли вайроншудаи «бузбала» маъмул аст) маънои «қадбаланд», «болобаланд»-ро дорад. Дар забони тоҷикӣ баъзан табдили «б» ба «в» ба мушоҳида мерасад (яъне «бурз» ба «вурз, варз» табдил ёфтааст). Мас., калимаи «Варзоб» аз ҳамин реша аст ва маъноияш «болооб» аст. Калимаи «Варзиманор» маънои «манори баланд»-ро дорад. Дар асотири мардуми ориёӣ А. кӯҳест, ки дар муддати ҳаждаҳ (дар баъзе асарҳои дигар мас., «Бундаҳиш» ҳаштсад сол омадааст) сол аз замин сар кашид ва ба ситорагон, Моҳ, Хуршед ва ба Чархи фалак расид. Дар атрофи он 2224 кӯҳи дигар аз замин ба боло қад афрохтанд. А. нишемангоҳи эзидон Митра – Меҳр, Аредвисура Аноҳита (Ноҳид) мебошад. Подшоҳон Ҷамшед, Ковус дар А. қасрҳо сохта буданд. Мувофиқи ривоятҳо шахси пир ба қасри Ковус даромада аз он ҷо ҷавон мебаромад. Дар осори таърихии арабӣ ва адабиёти форс-тоҷик қиссаву ривоятҳои бисёре оид ба А. ба назар мерасанд. Мас., дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, ки лонаи Симурғ дар А. (Албурзкӯҳ) буд ва Зол дар он ҷо бузург шуд:

Яке кӯҳ буд номаш Албурзкӯҳ,
Ба хуршед наздику дур аз гурӯҳ.
Ба-д-он ҷой Симурғро лона буд,
Ки он хона аз халқ бегона буд.

Рустам Кайкубодро аз А. оварда ба тахти шоҳӣ нишонд; модари Фаридун аз таъқиби Заҳҳок гурехта дар А. паноҳ бурд ва дар шонздаҳсолагӣ Фаридун аз А. фуромад:

Чу бигзашт аз он бар Фаридун ду ҳашт,
Зи Албурзкӯҳ андар омад ба дашт.

Фаридун Заҳҳокро дар қуллаи баландтарини А., ки Дамованд номдошт, занҷирбанд кард. Дар ашъори шоирону нависандагони дигар, қиссаву ривоятҳои эҷодиёти даҳанакии халқ ишораҳо ба А. мавҷуданд. Дар байти зерини мутааллиқ ба Манучеҳрӣ ҳамон маъниву мазмуне омадааст, ки дар устураҳои қадим (Авесто) дида мешавад:

Сар аз Албурз зад қурси Хуршед,
Чу хунолуда дузде сар зи макман.

Ад.: Манучеҳри Сутуда, Албурз, мач., «Меҳр», (Урдибиҳишт, Хурдод, Тирмоҳ), 1331 ҳ. ш.; Пури Довуд, Аноҳита, Т., 1343; Авесто, Д., 2001; Ёҳақӣ Муҳаммадҷаъфар, Фарҳанги асотир ва ишорати достонӣ дар адабиёти форсӣ, Т., 1375 ҳ. ш. *М. Диловаров.*

АЛВАРЕ́С Луис Уолтер (13. 6. 1911, Сан-Франсиско – 1. 9. 1988, Беркли), физики америкоӣ, узви АИ ШМА (1947). Хатмкардаи Донишгоҳи Чикаго (1932). Аз с. 1936 дар Донишгоҳи Калифорния кор кардааст (аз с. 1945 дар вазифаи проф.). Ҳамзамон с-ҳои 1954 – 59 ва 1976 – 78 муовини сарвари Лабораторияи радиатсионии ба номи Э. О. Лоуренси ш. Беркли буд. Соли 1969 президенти Ҷамъияти физикони Америка интихоб шуд. А. дар соҳаи физикаи атом ва ядро, техникаи суръатфизоҳо, физикаи зарраҳои бунёдӣ, шуоъҳои кайҳонӣ, оптика ва радиолокатсия асарҳои илмӣ навиштааст. Соли 1937 табдилоти нави радиофаъол – ҳодисаи К-рабоиш (аз қабати К электронро рабудани ядро), с. 1939 элементи химиявии Не-3-ро кашф кард. Ҳамроҳи Ф. Блох моменти магнитии нейтрони озодро муайян намуд (1940). Солҳои 1940 – 43 дар Донишгоҳи технологии Массачусет барои сохтани системаҳои радарӣ кор кард. Солҳои 1944 – 45 дар «лоиҳаи Манхэттен» (бунёди бомбаи атомӣ) иштирок намуд. Соли 1954 ҳубобкамераи моеии гидрогениро такмил дода, дар муқоиса (идентификатсия)-и зарраҳои атомӣ, аз ҷумла тритий кор фармуд. Соли 1960 зарраҳои устувори кӯтоҳумр – резонансҳоро кашф кард, ки барои ин кашфиёт с. 1968 сазовори Мукофоти Нобел гардид. Зарраҳои резонансии кӯтоҳумри мезонӣ ва барионiро кашф кард (1961). А. дар дигар соҳаҳои илм низ таҳқиқот бурдааст. Аз ҷумла с. 1965 дар Миср бо ёрии шуоъҳои кайҳонӣ дар аҳроми Хефрен (ш. Ҷиза) ҳуҷраҳои паноҳии ошкорнашударо ҷустуҷӯ карда ёфт.



АЛВЕО́ЛА (азлот. alveolus – чашмак, чуқурча, ҳубобча), 1) қисми интиҳоии ғадуд, ки чашмакмонанд аст; онро атсинус низ меноманд; 2) қисми аъзои дастгоҳи нафаси ҷонварони ширмак. Ҳубобчаи бо бофтаҳои пайвандӣ фарогирифтаест, ки ба ҷавфи алвеолаҳо ё бронхиолаҳо кушода мешавад. Аз берун ба он капиллярҳои эндотелий, ки мубодилаи газро байни А. ва хун таъмин месозанд, часпидаанд; 3) дандонхонаи ҷоғ, ки решаи дандон ҷойгир шудааст.

«АЛВО́ҲИ ИМОДӢ», асари Шаҳобуддини Суҳравардӣ роҷеъ ба фалсафа. Муаллиф ин асарашро ба султони замонаш Имодуддин бахшида, номи ӯро дар он зикр кардааст. «А. И.» ба забони тоҷикӣ навишта шуда, аз муқаддима ва чаҳор лавҳ (фасл) иборат мебошад. Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар муқаддима баъди сабаби таълифи рисола масъалаи маърифати мабдаъро ба миён гузошта, дар лавҳи аввал роҷеъ ба ҷисм, хусусиятҳои он тавоққуф кардааст. Дар лавҳи дуюм масъалаи нафс ва қувваҳои зоҳирию ботинии он, ҷисмониятулҳудус будани нафс-ро баррасӣ намудааст. Лавҳи сеюми «А. И.» ба воҷибулвуҷуд бахшида шудааст. Дар ин лавҳ муаллиф дар бораи зоту сифот ва афъоли воҷибулвуҷуд баҳс ороста, барои исботи фикраш қоидаҳои бисёре овардааст. Лавҳи чаҳорум ба масъалаҳои қазову қадар оид буда, дар он масъалаҳои муҳими усули илми нафс аз назари ишроқия шарҳу баён ёфтаанд. Дар поёни асар Шиҳобуддини Суҳравардӣ «бузургони порсо»-ро муваҳҳид хонда, ба таъбири ирфонии достонҳои Фаридуну Заҳҳок ва Кайхусраву Афросиёб мепардозад ва вобаста ба ҳамин масъала аз «каёни хорра» нақл мекунад. «А. И.»

яке аз саҳифаҳои дурахшони осори Шаҳобуддини Суҳравардист, ки дар он достонҳои Эрони Бостон ва назари фалсафию ирфонии қадим оварда шудаанд.

Ад.: Шаҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ. Маҷмӯаи осори форсии Шайхи Ишроқ, Т., 1359 ҳ. ш. *М. Ҳазратқулов.*

А́ЛГЕБРА, қисми қадимтарини математика буда, маҷмӯъҳои элементҳояшон дилхоҳро, кидаронҳоамалҳои алгебравӣ ичро мешаванд, меомӯзад. *Гурӯҳ, ҳалқа, майдон*, структураҳо ва ғ. низ мавзӯи тадқиқоти А. мебошанд. Алгебраи элементарӣ, ки яке аз соҳаҳои А. маҳсуб меёбад, муодилаву нобаробариҳои дараҷаи якум ва дуюм, ҳолатҳои хусусии муодилаҳои дараҷаи олӣ, мафҳуми адад, табдилоти айниятӣ ва масъалаҳои комбинаторикаро меомӯзад. Алгебраи олӣ алгебраи хаттӣ, назарияи гурӯҳҳо, назарияи майдон, бисёрузваҳо, ҳалқа, модул ва структураҳоро дар бар мегирад. Ба маънои васеаш А. илмест дар бораи маҷмӯъҳои гуногунэлементе, ки дар онҳо амалҳои одии ҷамъу зарб ичро мешаванд.

А., ки якҷоя бо *арифметика* ва *геометрия* аз қадимтарин қисмҳои математика аст, дар заминаи талаботи амалии ҷомеа ва дар натиҷаи ҷустучӯи тарзҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметика ба вуҷуд омадааст. Бобулиёни қадим муодилаҳои дараҷаи якумро ҳал карда метавонистанд, вале аломату ишоратҳои математикии онҳо номукаммал буд. *Диофант* аввалин аломатҳои ҳарфиро барои ифодаи номаълумҳои муодила истифода бурд (а. 3). Ӯ муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюмро ҳал ва муодилаҳои номуайянро тадқиқ кард, ки ҳоло бо унвони *муодилаҳои Диофант* маъмуланд. Математикҳои Осиёи Миёна низ дар инкишофи А. саҳми бузург гузоштаанд. Донишманди бузурги Шарқ – *Хоразмӣ* дар «Алҷабр ва-л-муқобала» ном рисолааш бори нахуст тарзи ҳалли муодилаҳои квад-ратиро бо коэффитсиентҳои ададӣ нишон дод. Истилоҳи «алгебра» дар натиҷаи ба забони лотинӣ ба ҳамин шакл тарҷума шудани асари номбурда ба вуҷуд омад. Аз давраи Хоразмӣ А. чун соҳаи мустақили математика эътироф гардид. *Абулвафои Бузҷонӣ* усулҳои аз решаҳои дараҷаи 3, 4 ва 5-ум баровардани ададҳоро пешниҳод кард. Умари *Хайём* низ рисолаи «Фӣ-л-бароҳин ило масоил-ил-ҷабр ва-л-муқобала»-ро (1074) навишт, ки дар он на танҳо ҳалли муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюм, балки усулҳои нави ҳалли геометриявии муодилаҳои дараҷаи сеюм оварда шудаанд. Хайём биноми ададҳои бутунро кашф кард (ниг. *Биноми Хайём-Ниютон*). *Ҷамшеди Кошонӣ* усули итератсионии ҳалли муодилаҳои дараҷаи сеюмро нишон дод. *Алоуддини Қушчӣ* дар А. мафҳуми «ададиманфӣ»-ро ҷорӣ кард.

Усулҳои алгебравии ҳалли масъалаҳо тадричан усулҳои арифметикиро иваз карданд. Дар ох. а. 15 аломати ҷамъ ва тарҳ, дараҷа, реша, қавс, зарб, тақсим ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Ф. *Виет* номаълумҳоро бо ҳарфҳои садонок (*A, E, I,*…), маълумҳоро бо ҳамсадоҳо (*B, C, D*….) ишора намуд. Ӯ бо ёрии аломатҳои амалҳои математикӣ масъалаҳои алгебравиро дар шакли формула навишт. Аз давраи Р. *Декарт* барои ифодаи номаълумҳо ҳарфҳои лотинӣ (*x, y, z*) истифода шуданд. Солҳои 50 а. 17 аломат ва ишоратҳои математикӣ пурра ташаккул ёфтанд (ниг. *Аломатҳои математикӣ*). Ба математика дохил шудани аломат ва ишоратҳои рамзӣ барои тартиб додани формулаҳо аҳамияти бузург дошт. Бе истифодаи формулаҳо тараққиёти пуравҷи математикаи олӣ, ба вуҷуд омадани таҳлили математикавӣ, ифодаи математикавии қонунҳои физика ва механика имконнопазир буд. Пас аз тадқиқоти Декарт, ки барои бунёди геометрияи таҳлилӣ тасвири аёнии ададҳои манфиро нишон дод, ба математика ададҳои манфӣ комилан дохил шуданд (ниг. *Системаи координатаҳои Декарт*). Агар юнониёни қадим ҳалли масъалаҳои алгебравиро ба шакли геометриявӣ оварда бошанд, дар навбати худ аломатҳои математикавӣ имкон доданд, ки масъалаҳои геометрӣ ба забони формулаҳои алгебравӣ ифода ёбанд. Ҳамин тариқ. А. то а. 18 такр. ба он ҳаҷме, ки имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ омӯхта мешавад, ташаккул ёфт.

Усули ҳалли муодилаҳои алгебравии дараҷаи сеюм бо номи Ҷ. Кардано, усули ҳалли муодилаҳои алгебравии дараҷаи чорум бо номи А. Феррари алоқаманд аст. Н. *Абел* ва Э. *Галуа* исбот карданд, ки ба намуди умумӣ муодилаҳои дараҷаашон аз чор болоро дар радикалҳо ҳал кардан имконнопазир мебошад. Назарияи Галуа ба таърихи давраи классикии А. хотима бахшид, ба тавлид ва инкишофи назарияи гурӯҳҳо ва назарияи майдон асос гузошт. Ж. *Даламбер* ва К. *Гаусс* собит карданд, ки муодилаи дараҷаи *n*-уми коэффитсиентҳояш комплексӣ дорои *n* решаи комплексӣ аст (ниг. *Теоремаи асосии алгебра*). Ҳалли аксар масъалаҳои назариявию амалӣ бо системаи муодилаҳои бисёрномаълума алоқаманд мебошад. Махсусан системаи муодилаҳои хаттӣ, яъне системаи *m* муодилаи дараҷаи якуми *n*-номаълума ҷолиби диққат буда, якҷоя бо *матритса* ва *муайянкунанда* предмети алгебраи хаттиро ташкил медиҳад.

Минбаъд А.-и хаттӣ, ки ба инкишофи он геометрияи таҳлилии Р. Декарт такон дод ва назарияи алгебравие, ки дар натиҷаи васеъ шудани мафҳуми ададҳои комплексӣ пайдо шуд, асоси А.-и а. 20-ро ташкил доданд.

Абстрактӣ будани А.-и муосир барои дар соҳаҳои гуногуни илм, техника ва иқтисодиёт татбиқ намудани он халал намерасонад. Бисёр масъалаҳои механикаи квантӣ, кристаллография, физикаи атом ва ядро, назарияи заррaҳои заряднок ва ғ-ро ба туфайли назарияи гурӯҳҳо шарҳ додан имконпазир гардид.

А.-и хаттии фазоҳои бисёрчена барои бо истифода аз ҳисобмошинҳои электронӣ ва компютерҳои пуриқтидор ҳал кардани масъалаҳои муҳими иқтисодиёту хоҷагии халқ (мас., ташкили оптималии боркашонӣ, супурдани дархостҳо ва ғ.) заминаи назариявӣ ба вуҷуд овард. Дар соҳаҳои мухталифи математика мунтазам истифода бурдани усулҳои алгебравӣ боиси инкишофи онҳо гардид. Мас., синтези А. ва назарияи функсияҳо *таҳлили функционалиро* ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа физикаи математикавӣ ва фаслҳои классикии таҳлили математикавӣ бо воситаҳои нави тадқиқот таъмин гардиданд. Истифодаи А. дар омӯзиши фазоҳои топологӣ А.-и топологиро ба миён овард. Усулҳои А.-и топологӣ дар навбати худ боиси пайдо шудани равияи нав – алгебраи гомологӣ шуданд. Дар инкишофи ҳозираи геометрияи алгебравӣ, ки гуногуншаклиҳои алгебравиро меомӯзад, мақоми А. муҳим аст. Дар назарияи гурӯҳҳои Ли истифода кардани усулҳои геомет рияи алгебравӣ А.-ро бо назарияи гурӯҳҳои алгебравӣ бой гардонд.

А. яке аз фаслҳои асосии математикаи муосир буда, пайваста бо объектҳои гуногуни математика минбаъд низ инкишоф хоҳад ёфт.

Ад.: Курош А. Г., Лекции по общей алгебре, М., 1998. *А. Қурбонов.*

А́ЛГЕБРАИ МАНТИ́Қ, чузъи таркибии мантиқи математикист, ки

дар он қимати мантиқии гуфтор ва амалҳои мансуби он ба воситаи усулҳои алгебравӣ тадқиқ мешаванд. Одатан, дар А. м. мантиқи гуфторҳоро аз рӯи ҷадвал ё матрисаҳо тартиб медиҳанд. Нисбат ба гуфторҳо амалҳои мантиқро чунон муайян кардан лозим, ки ҳар кадоми онҳо танҳо дорои як қимат бошанд: «ҳақ» ё «дурӯғ». Тағйирёбандаҳое, ки аз ду қимати мазкур танҳо якеро моликанд, унсурҳои А. м. номида мешаванд. Маҷмӯи хосиятҳое, ки аз амалҳои мантиқии дар мантиқи дуқиматӣ ичрошаванда бармеояд, мавзӯи А. м.-ро ташкил медиҳад. А. м.-ро дар мантиқи бисёрқиматӣ низ истифода мебаранд. Дар ин ҳолат ба ҷойи функсияи 2-тағйирёбанда функсияи n-тағйирёбандаро таҳқиқ менамоянд. Асосгузори А. м. – математик ва мантиқшиноси англис Ҷ. Бул гуфторҳоро бо рамзҳои алгебравӣ ишора намуда, амалҳо ва натиҷагирии мантиқиро бо усулҳои алгебравӣ омӯхт. Минбаъд А. м. дар асарҳои У. Ҷевонс, Э. Шрёдер, П. С. Пореский, Д. Гилберт, А. Н. Колмогоров ва дигарон такмил ёфт. Дар А. м. барои ифодаи гуфтори ҳақ ҳарфи Ҳ ё рақами 1 ва барои ифодаи гуфтори дурӯғ ҳарфи Д ё рақами 0 истифода мешаванд. Агар дар алгебра ба тавассути рамзҳо ададҳо ё ашёҳо ифода шаванд, дар А. м. бо рамзҳо ҳукм ифода мегардад, ки вай рост аст ё дурӯғ. Бинобар ин мантиқи муосир рамзҳои махсусеро дорост, ки барои ба тарзи формулаҳо ифода кардани амалҳои асосии мантиқ имкон медиҳанд. Рамзҳои мазкурро операторҳои мантиқӣ низ меноманд ва онҳо вобастагии мантиқии рамандҳоро инъикос менамоянд. Умдатарин операторҳое, ки дар А. м. истифода мешаванд, инҳоянд: $\rightarrow$ (импликатсия), $\wedge$ (конюнксия), $\vee$ /дизюнксия/. Ба тавассути ин операторҳо алоқаву муносибати мафҳумҳои мантиқиро ошкор менамоянд. Қонунҳои асосии А. м. қонунҳои коммутативӣ, ассотсиативӣ, дистрибутивӣ, зиддият, истиснои солис, контропозитсия, инкори дукарата ва ғ. мебошанд. Усулҳои А. м. дар дигар қисмҳои мантиқи муосир (ҳисоби гуфторҳо, ҳисоби предикатҳо, ҳисоби гурӯҳҳо, назарияи амсиласозӣ ва ғ.), инчунин дар конструксияи автоматҳо, назарияи занҷири электрикӣ, схемаи релей-контактӣ ва диг. соҳаҳои техника васеъ истифода мешавад.

Ад.: Сикорский Р., Булевы алгебры, тарҷ. аз англ., М., 1969; К л и н и С. К., Математичес- кая логика, тарҷ. аз анг., М., 1973. *Н. Сайфуллоев.*

А́ЛГЕБРАИ ХАТТӢ, муҳимтарин фасли алгебра. Аввалин масъалае, ки дар соҳаи А. х. ба миён омад, назарияи *муодилаҳои хаттӣ* буд. Инкишофи назарияи муодилаҳои хаттӣ аввал боиси пайдоиши назарияи *муайянкунандаҳо,* баъдтар боиси ба миён омадани назарияи *матритсаҳо* ва назарияи бо он алоқаманди *фазои векторӣ* гашт. А. х. назарияи шаклҳо, қисман назарияи *инвариантҳо* ва ҳисоби тензориро низ фаро мегирад. Баъзе бобҳои *таҳлили функсионалӣ* натиҷаи инкишофи масъалаҳои дахлдори А. х. мебошанд.

АЛГО́Л (англ. *algorithmic language* – забони алгоритмӣ), забони алгоритмие, ки дар барномасозӣ истифода мешавад. Алгоритмҳое, ки бо ин забон навишта шудаанд, ба забони (ё аниқтараш барноман) компютерҳои гуногун ба воситаи транслятор (тарҷумони)-и махсус ворид карда мешаванд. Корҳои марбут ба сохтани забони алгоритмӣ с-ҳои 1955 – 56 дар ШМА аз ҷониби Ассотсиатсия оид ба техникаи ҳисоббарорӣ (АСМ) ва дар Европа аз ҷониби Ҷамъияти германиявӣ оид ба математикаи амалӣ ва механика (GAMM) оғоз гардида буданд. Соли 1958 АСМ ва GAMM гузориши муштараки худ ро оид ба забони алгоритмӣ омода сохта, онро АЛГОЛ-58 ном гузоштанд. Моҳи янв. 1960 дар Конференсияи байналмилалии Париж пас аз муҳокимаи васеъ намояндагони ҳафт давлат – ШМА, Ҷумҳурии Федералии Германия, Англия, Франсия, Дания, Нидерландия ва Швейтсария лоиҳаи такмилдодашудаи забонро қабул карда, онро АЛГОЛ-60 номиданд.Ниг. *Забони барномасозӣ.*

АЛГОЛО́ГИЯ (аз лот. alga – гиёҳи баҳрӣ, обсабз ва юн. logos – илм, таълимот), илм дар бораи *обсабзҳо*, яке аз фаслҳои *ботаника*.

АЛГОРИ́ТМ, а л г о р и ф м, а л г о р и з м, қоидаест, ки бо тартиби муайян ичро намудани маҷмӯи амалҳоро муайян мекунад. Яке аз мафҳумҳои асосии *кибернетика* ва *математика* мебошад. Дар асрҳои миёна қоидаҳои чор амали арифметикавиро дар сис темаи даҳӣ А. меномиданд. Чунин қоидаҳоро дар а. 9 бори нахуст олими машҳури Шарқ *Хоразмӣ* дар асари худ «Ҳисоб-ул-ҳинд» ҷорӣ кард. Дар Европа ин навъ қоидаҳоро бо номи ӯ «алгоризм» меномидагӣ шуданд. Сонитар ин ном ба «алгоритм» табдил ёфт, зеро мутарҷимони Ғарб ҳангоми тарҷумаи «Ҳисоб-ул-ҳинд» (а. 12) «ал-Хоразмӣ»-ро ба лотинӣ «Algorithmys» ва «Algorithmi» тарҷума карда буданд. Аввалин А.-ро дар асарҳои Уқлидус (Евклид) вохӯрдан мумкин аст. Бисёр сохторҳои математикавӣ (мас., зарб задан бо сутунча, усули ёфтани решаи Ниютон, усули Гаусс оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ, сохтан бо паргор ва хаткашак)-ро чун А. муоина кардан мумкин аст. Дар илм А.-ҳои бисёр, аз ҷумла «Алгоритми Уқлидус», «Алгоритми Лаурйе», «Алгоритми Марков» ва ғ. маълуманд.

Афзалияти А. дар он аст, ки масъала ҳаддалимкон бо роҳи кӯтоҳтарин ҳал карда мешавад. Ҳангоми татбиқи А.-и масъала он ба амалҳои сода ҷудо карда шуда, дар сурати риояи қатъии А. ба таври механикӣ амалӣ мегардад. Намуди муҳими А. барномаҳо барои компютерҳо (мошинҳои ҳисоббарор) мебошад; инчунин А.-ро бо *забони барномасозӣ* менависанд, ки барои ба таври автоматӣ ичро кардани онҳо имкон медиҳад. Забонҳои барномасозие, ки барои хондани одамон низ пешбинӣ шудаанд, забонҳои алгоритмӣ номида мешаванд. Баъзан А. (тарҳи умумии амалҳо) ва барнома (амалисозии мушаххаси ин тарҳро дар забони додашудаи барномасозӣ) фарқ мекунанд. Мафҳуми А. торафт васеъ шуда, боиси пайдо шудани *назарияи алгоритмҳо* гардид, ки хосиятҳои умумии А.-ҳоро меомӯзад ва асоси назариявию мантиқии кибернетикаро ташкил медиҳад. Дар компютерҳои фардӣ татбиқ намудани назарияи А. барои амалӣ сохтани А.-ҳои мураккабтарин, ки аз садҳо ҳазор амалҳои сода иборатанд, имкониятҳои калон фароҳам меоварад. Кунун теъдоди А.-ҳои мухталиф хеле зиёд буда, барои ҳалли масъалаҳои гуногуни математикавӣ, мантиқӣ, идоракунӣ ва ғ. истифода мешаванд. А. дар идораи иқтисодиёт, идораи раванди технологӣ, ташхиси беморӣ, танзими ҳаракати нақлиёт (самолёт, поезд, киштӣ, автобус ва ғ.), барои тарҷума аз як забон ба забони дигар, сохтани луғатҳо, омӯзиш, ташкили бонки маълумот ва ғ. татбиқ шудааст.

АЛҒӮЛ (ар. – дев), дуюмин ситораи равшан (пас аз Мирфақ) дар бурҷи Ҳомили раъс-ул-ғул (*Барсовуш*). Тағйирёбии А. аз қадим маълум буда, дар одамон ҳиссиёти ваҳмангезе ба вуҷуд меовард ва чунин номгузорӣ шуданаш аз ҳамин ҷост. Дар атласҳои бурҷҳои осмонии асримиёнагии европавӣ А. ҳамчун чашми Медузаи Горгон, дар атласҳои исломӣ чун

чашми дев тасвир ёфтааст. А. маҷмӯи се–чор ситора аст, ки дутои онҳо (Алғул А ва Алғул В) бо даври 2,87 шабонарӯз якдигарро мепӯшонанд ва дар ин ҳолат дурахши ситора аз 2,06 то 3,28 бузургии ситоравӣ кам мешавад. Ин ҳодисаро бори нахуст 8 нояб ри 1670 олими италиявӣ Ҷ. Монтанари мушоҳида намудааст. Массааш 1,67-и массаи Офтоб, радиусаш 0,9-и радиуси Офтоб, ҳарор. 8500 К, синнаш 3×10^8 сол ва масофааш то Замин 93±2 с. р. (28,5±0,7 пк) аст. *М. Холов.*

АЛДА́Н, дарё дар Республикаи Саха, шохоби рост ва калонтарини д. *Лена*. Дарозиаш 2273 км, масоҳ. ҳавзааш 729 ҳазор км^2. Сарфи миёнаи об 5100 м^3/сон. Аз нишебиҳои шимолии қ-кӯҳи Становой сар шуда, аз байни паҳнкӯҳҳои Алдан ва доманаи қ-кӯҳи Верхоянск мегузарад. А. таърихи қадима дорад. Аҳолии нахустин дар соҳили А. 30 – 40 ҳазор сол то м. маскун шудаанд. Онҳо ба шикори мамонтҳо ва каркадан машғул буданд. Дар ҳудуди соҳили А. бозёфтҳои даврaи биринҷӣ ва оҳан пайдо гаштаанд. Резишгоҳи поёнӣ ва миёнааш – киштигард. Шохобҳои асосиаш аз чап – Амга, аз рост – Учур, Тимптон, Мая, Аллах-Юн. Манбаи асосиаш барфу борон. Яхбандӣ аз ох. окт. то май давом мекунад. Давраи серобиаш май – июл буда, сатҳи об то 7 – 10 м баланд мешавад. Авг. – сент. туғёни об бештар гашта, баъзан обхезӣ мешавад. Дар А. тосмоҳии сибирӣ, озодмоҳӣ ва шӯртан фаровон аст. Ҳавзаи А. конҳои тилло, ангиштсанг ва абрақ дорад. Бандарҳои калонтарини А. – Уст-Мая, Томмот ва Хандига.

АЛДА́Н, кӯҳсор дар Сибири Шарқӣ, дар қисми ҷанубии Республикаи Саха (Ёкутистон). Дар шимолтари қ-кӯҳи Становой, байни д-ҳои Олёкма ва Учур воқеъ гардидааст. Дар А. паҳнкӯҳҳои баландиашон 800 – 1000 м бештаранд, ки дар байни онҳо қуллаҳо ва қ-кӯҳҳои хурд (Янги Ғарбӣ, Суннагин, Сутаму Ганам, Алдану Усур, Кет-Каи) ҳастанд ва то 1400 – 2306 м баландӣ доранд. Таркиби А. асосан аз гнейс ва варақсангҳои кристаллӣ иборат аст. То баландии 1100 – 1300 м ҷангалзори дарахтони коҷ, бешаҳои санавбару шарбин ва болотар аз он бешаҳои тунуки шарбину абҳал, аз он ҳам болотар тундраи санглох вомехӯрад. Аз ҳудуди А. хати роҳи оҳан ва шоҳроҳи автомобилии Амур – Ёкутистон мегузарад. Конҳои маъдани оҳан, ангишт, мис ва абрақ дорад. А. аз конҳои тилло бой аст.

АЛДЕГИ́ДИ АТСЕТА́Т, алдегиди сиркоӣ, CH_3CHO, пайвасти органикӣ, моеи беранг, бӯи тез дорад; ҳарор. ҷӯшишаш 20,8°С, ҳарор. гудозиш –124°С, зичиаш 783 кг/м^3; дар об, спирт ва эфир нағз ҳал мешавад. А. а. ҳамаи хосиятҳои *алдегидҳоро* дорост. Ҳангоми ҳамроҳ кардани қадре (як чакра) кислотаи сулфати консентронида ба тримери моеъ – паралдегид $(CH_3CHO)_3$ ва дар ҳарор. 0°С зери таъсири андаке кислотаи сулфат ё HBr + $Ca(NO_3)_2$ ба тетрамери сахт – металдегид $(CH_3CHO)_4$ табдил меёбад. Паралдегид ба сифати давои бехобӣ, металдегид чун сӯзишвории сахт («мета») истифода мешавад. А. а. бо миқдори кам (бештар дар намуди атсетал) дар фраксияи якуми буғронии маҳсули туршшавии спиртӣ мавҷуд аст. Тахмин мекунанд, ки А. а. дар раванди мубодилаи карбогидратҳо дар ҳуҷайраи ҳайвонот аҳамияти калон дорад; баъзан онро дар пешоби одам низ дарёфт кардан мумкин аст. Яке аз усулҳои маъмули ҳосил кардани А. а. бо иштироки намакҳои симоби дувалента (ҳарор. тақр. 95°С) ба атсетилен пайваст кардани об мебошад (реаксияи Кучеров). Бинобар гарон ва заҳрнок будани симоб усули бевосита бо роҳи катализ гидрататсия кардани атсетилен дарёфт карда шудааст. Усули гидрататсияи бевositаи атсетилен низ маълум аст, яъне аввал бо иштироки КОН-и сахт ба атсетилен спирти этилро пайваст ва сипас эфири винилии ҳосилшударо гидролиз менамоянд. А. а.-ро бо роҳи катализ ҳангоми аз спирти этил (ҳарор. тақр. 400°С) ҷудо кардани гидроген низ ҳосил кардан мумкин аст. Дар асноі таъсири алкоголияти алюминий А. а. ба этилатсетат табдил меёбад (реаксияи Тишенко). Реаксияи мазкур аҳамияти калони саноатӣ дорад. Ҳангоми оксидонии катализии А. а. бо оксигени ҳаво дар саноат ангидриди атсетат ҳосил мекунанд. А. а. бе душворӣ ба реаксияи конденсатсияи олдолӣ дохил мешавад.

$$2CH_3CHO \rightarrow CH_3CH(OH)CH_2CHO$$

А. а.-ро барои истеҳсоли кислотаи атсетат, ангидриди атсетат, доруворӣ ва ғ. истифода мебаранд.

АЛДЕГИДҲО́ [аз лот. al (cohol) gehyd (rogenatum) – алкоголи бегидроген], синфи пайвастҳои органикӣ. Дар таркиби худ гурӯҳи карбонили (>C = O) бо радикали органикӣ (R) ва атоми гидроген (H) пайваст доранд (R – CHO). Номи баъзе намояндаҳои А., одатан, аз номи кислотаи дахлдор бармеояд (мас., ба кислотаи сирко алдегиди сирко ё атсеталдегид мувофиқат мекунад). Ҳарор. ҷӯшиши А. нисбат ба ҳарор. ҷӯшиши спиртҳои ба онҳо дахлдор паст мебошад. А. дар спирт ва эфир хуб ҳал мешаванд. Онҳоро бо усули нопурра оксидонидан ё дегидрогенонидани спиртҳои якумин аз дигалогенидҳо бо таъсири об ҳосил мекунанд. Усули бо роҳи оксидонидани пропилен ҳосил кардани акролеин ва бо роҳи гидратонидани атсетилен дар иштироки намакҳои дувалентаи симоб ҳосил кардани алдегиди сирко (реаксия Кучеров) аҳамияти саноатӣ дорад. Дар май алдегидҳои қатори алифатӣ ва ароматӣ, баъзан қатори фуранӣ мавҷуданд. А.-и алифатӣ ба май таъм ва бӯйи хос мебахшанд. Яке аз хосиятҳои муҳими А. дар он аст, ки онҳо бо кислотаи сулфит ва намакҳои турши он, ҳамчунин бо аммиак ва ҳосилаҳои он ба реаксия медароянд:

$$R - CHO + NaHSO_3 \rightarrow R - CH(OH)(SO_3Na)$$

$$R - CHO + NH_3 \rightarrow H_2O\ R - CH = NH$$

А. дар маҳлулҳои обӣ дар шакли гидратҳо мавҷуданд. Миқдори умумии А.-и алифатӣ дар афшураи ангур 1 – 7 мг/дм^3 ва дар май 15 – 20 мг/дм^3 аст. Илова бар ин дар май параоксибензалдегид $C_6H_4(HO) - CHO$ ва алдегиди дорчин $C_6H_5 - CH = CH - CHO$ низ ёфт шудааст. Ба А.-и қатори ароматӣ аксарияти реаксияҳои химиявии А.-и алифатӣ хосанд. А.-и ароматӣ дар маҳлулҳои обӣ гидратҳо ҳосил намекунанд. Онҳо ба спиртҳо бо душворӣ таъсир мерасонанд. А.-и ароматӣ бӯйи баланди мевачотро доранд. Хусусан бӯйи ванилин ва алдегиди дорчин зуд ҳис карда мешавад. Ҳангоми дар чалакҳои булутӣ расондани майҳои оташгуҳар ва десертӣ А.-и ароматӣ аз ҳисоби таҷзияи лигнини булут (то 3,6 мг/дм^3) ҳосил мешаванд. Ба бӯйи май фақат ванилин ва алдегиди конферил метавонанд таъсир расонанд, зеро миқдори дигар А.-и ҳаднок дар май нисбатан кам аст. А. аз ҷиҳати химиявӣ хеле фаъоланд. А. зуд оксид шуда, ба кислотаҳо табдил меёбанд.

$$RCHO + Aq_2O \rightarrow RCOOH + 2Aq$$

Реаксияи мазкур реаксияи оинаи нукрагин ном дошта, дар оинасозӣ истифода мешавад. Дар натиҷаи ба А. пайваст шудани гидроген, об, спирт, кислотаи сианид, бисулфати натрий ва ғ. мувофиқан спирти якумин, гидрати А., атсетал, α-оксисулфокислота, сианигидрин ва ғ. ҳосил мешаванд. Аксари ин пайвастҳо барои синтези моддаҳои муҳим истифода мегарданд. А. ба реаксияи полимеризатсия

низ майл доранд. Мас., дар натиҷаи он баъзан полимерҳои циклӣ ва гоҳо полимерҳои ғайрисиклии дарозии молекулаашон гуногун ҳосил мешаванд. Яке аз реаксияҳои муҳими А. конденсатсияи алдолӣ аст. Маҳсули он алдол (алдегидоспирт) мебошад. Ба реаксияи мазкур танҳо алдегидҳое, ки дар α-мавқеъ нисбат ба гурӯҳи алдегидӣ атоми гидроген доранд, дохил мешаванд.

А. дар истеҳсоли зифҳои фенолалдегидӣ, ҳамчун моддаҳои хушбӯй (ванилин, ситрал ва ғ.), чун мавод барои синтези моддаҳои дигар, мас., алдегиди сирко, кислотаи сирко, этилатсетат, олефинҳо ва полиенҳо истифода мешаванд.

Ад.: Коррер П., Курс органической химии, Л., 1962; Несмеянов А. Н., Несмеянов Н. А., Начало органической химии, т. 1, М., 1969; Степаненко Б. Н., Курс органической химии, М., 1981; Петров А. А., Органическая химия, М., 1981; Родопуло А. К., Основы биохимии виноделия, М., 1983. *М. Самиев.*

АЛДЕ́Н, $C_{18}H_{36}BrN$, як навъ моддаи химиявӣ. Кристаллҳои сафед буда, дар об ва этанол хуб ҳал мешавад. Барои зуд реша давондан ва беҳ шудани гулшукуфт ба гулзор (7,5 – 15 г ба 100 л об) мепошанд. Барои занбӯри асал ва дигар ҳашароти фоиданок безарар аст.

АЛДИКА́РБ, $C_7H_{12}N_2O_2S$, темик, як навъ моддаи химиявӣ. Чун инсектисид, акарисид ва нематосид барои нобуд кардани ҳашароти зараррасони маканда, нематодаҳо ва ғ. (ба ҳар га 0,56 – 5,6 кг) кор мефармоянд. Дар шакли ғурӯшаи 5 ва 10-фоиза истеҳсол мешавад. Барои занбӯри асал ва дигар ҳашароти фоиданок заҳр аст.

АЛЕАТИКО, Ува лиатика, Алеатико неро, Москателе ливатике, як навъи ангурҳои техникӣ. Аслан аз Италия буда, нимаи дуюми а. 19 дар Осиёи Марказӣ паҳн гардидааст. Баргаш миёнаҳаҷм (қутраш 16 – 18 см), байзашакл, сепарра, чоки байни парраҳояш миёна, каме ҳамидаи рост, рӯяш суфта, бепашмак. Гулаш дучинса, хӯшааш миёнаҳаҷм (дарозиаш 10 – 16, бараш 8 – 10 см, вазнаш 130 – 140 г), махрутшакли дарозрӯя. Ғужбаш миёнаҳаҷм, лунда, рангаш сиёҳи бунафштоб, мумпарда дорад. Тухмаш ғафс, гӯшташ серобу ширин, бӯи хос дорад. А. навъи ангури миёнапазак буда, давраи нашваш 140 – 160 рӯз аст; нимаи май гул карда, 15 – 25 сент. пурра пухта мерасад. Аз А. шароб мекашанд, афшура тайёр мекунанд. А.-ро дар вил-ҳои Хатлону Суғд парвариш мекунанд. Аз ҳар га 18 – 20 т ҳосил мегиранд. Ҳангоми кам шудани намӣ баргаш тез пажмурда шуда, ба сифати ҳосил таъсири манфӣ мерасонад. Аз касалии ҷел зарар мебинад.



Ангур. Навъи Алеатико.

АЛЕБА́СТР (аз юн. *alabaster*), номи ду минерали гуногун: гач (диаквасулфати калсий) ва калсит (карбонати калсий). Аввалӣ – алебастр (алавастор)-ест, ки мо ҳар рӯз истифода мебарем, дуюмӣ номи минерал аст. Ин ҳар ду аз ҳамдигар аз рӯи сахтӣ фарқ мекунанд. Гач хеле нарм буда, онро бо нохун (сахтиаш 1,5 – 2) ва калситро ба осонӣ бо корд харошидан мумкин аст (сахтиаш нисбатан зиёд – 3). А.-и калсиӣ, ки, одатан, А.-и шарқӣ ном дорад, аз давраи қадим истифода мешавад. Қабатҳои тунуки онро дар калисоҳо дар асрҳои миёна ба сифати шиша истифода мебурданд. Ин намуди А. аз таҳнишастҳои сталагмитӣ дар хоки оҳаксанг ба вуҷуд омадааст ё як намуди травертон мебошад. А.-и гачдор бо роҳи тафсондани гачи табии обаш дучанда $CaSO_4 \times 2H_2O$ то ҳарор. 150 – 180 °С дар дастгоҳҳои махсус ҳосил мекунанд. Дар натиҷа ин минерал ба $CaSO_4 \times 0,5 H_2O$ табдил меёбад, ки дар сохтмон ва тиб васеъ истифода мешавад. А.-си ё ҳ шакли нодири минерал буда, асосашро гач ташкил медиҳад. Он танҳо дар се давлати дунё: ШМА, Италия ва Хитой ёфт шудааст. Дар мавзеи Фрид (Оклахома, ШМА) чанд намуди А., аз он чумла А.-и сафед, гулобӣ ва сиёҳ ёфт шудааст. А.-и гач дар сохтмон барои андова кардани девору сақфи бино, истеҳсоли плитаҳои гачӣ ва гипсокартон истифода мешавад. Ҳангоми омехта кардан бо об А. зуд сахт шуда, боз ба гач табдил меёбад.

АЛЕВРИ́Т (юн. aleuron – орд), гурӯҳи чинспораҳои ковоки (ночаспидаи) таҳшин, ки аз заррагҳои хеле хурди минерали (кварс, шпати даштӣ, абрақ ва г.)-и андозаашон 0,01 – 0,1 мм таркиб ёфтаанд. Аз рӯи андозаи заррагҳо аз рег маҳинтар (0,05 – 0,1мм) ва ва аз гил дуруштаранд (0,01 – 0,05 мм). Ба А. чанг, лойқа, лёсс ва чинсҳои лёссмонанд мансубанд. А. чун таҳшини алоҳида аз ҷониби петрографи советӣ А. Н. Заваритский чудо карда шудааст (1930). Дар натиҷаи сангшавӣ (литификатсия) А. ба *алевролит* табдил меёбад.

АЛЕВРОЛИ́Т (аз юн. aleuron – орд ва lithos – санг), *алеврите*, ки ба чинсҳои зичу сахти кӯҳӣ табдил ёфтааст.

АЛЕ́ГР Ив де (1633, Париж – 1733, ҳамон ҷо), адиб ва тарҷумони франсавӣ. Ба забони франсавӣ «Гулистон»-и Саъдиро тарҷума кард, ки он с. 1704 дар Париж нашр шуд. Дар муқаддимаи тарҷумааш А. оид ба ҳаёту фаъолияти эҷодии Саъдӣ, саршор аз панду андарз ва шеърҳои баландмазмун будани «Гулистон»-и Саъдӣ сухан рондааст. Дар нигориши сарсухан А. аз мақолаи шарқшинос де Эрбело ва мач. «Библиотек Ориентал» истифода кардааст. Тарҷумаи А. 89 ҳикояро дар бар гирифта, аз 10 боб иборат аст (нусхаи асл 8 боб дорад). Ба ғайр аз ин, А. тарҷумаи худро ба ду фасл – «Рисола роҷеъ ба ахлоқи подшоҳону халифаҳо», «Илова ба подшоҳону халифаҳои давраи Саъдӣ аз муаллифони арабу форсу турк» чудо кардааст. Дар тарҷумаи А. шоири форс-тоҷик Саъдӣ чун маорифпарварони Франсия вассофи «шоҳи одил» қаламдод шудааст. Тарҷумаҳои А. аз мазмуну мундариҷаи асл дур рафта, ба талаботи равияи маорифпарварӣ мутобиқ карда шудаанд.

Ад.: Шокир Мухтор, Саади – «Французский просветитель», мач. «Памир», 1978, № 12. *Ш. Мухтор.*

АЛЕКСА́НДР НЕ́ВСКИЙ (5. 1221, Переславл-Залесский – 21. 11. 1263, Городец), сарлашкар ва ходими давлатии Рус, князи Новгород (1236 – 40, 1241 – 52, 1257 – 59), князи бузурги Киев (1249 – 63) ва Владимир (1252 – 63). Писари дуюми князь Ярослав Всеволодич аз никоҳи дуюм. Соли 1230 падараш А. Н. ва бародараш Фёдор-

ро ба тахти Новгород шинонд. Якумин юриши А. Н. (таҳти ливои падараш) ба ш. Дерпт с. 1234 воқеъ шуд. Соли 1236 А. Н. аз зодгоҳаш барои ҳукмронӣ намудан ба Киев (1238 аз он ҷо ба Владимир) рафт ва фаъолияти мустақилонаи ӯ оғоз мешавад. Соли 1240 А. Н. дар соҳили д. Шелони (сарҳади ҷан. ғарбии Новгород) чанд истеҳкоми ҳарбӣ сохт. Ҳамон сол немисҳо ба Псков ва шведҳо ба Новгород бо мақсади ҳуҷум наздик шуданд. 15 июли 1240 А. Н. бо дастаи начандон калони худ ба сипоҳиёни швед бо сарварии Биргер, ки дар соҳили Ижора, шохоби д. Нева қароргоҳ доштанд, шабохун зад. Дар ин муҳорибаи соҳили Нева А. Н. қаҳрамонӣ ва маҳорати лашкаркашӣ нишон дода, бо қувваи хурди худ ба душмани пурзӯри шумораш бисёр ғолиб шуд. Барои ҳамин ғалаба ӯ тахалл. «Невский»-ро гирифт. Пас аз ин падараш ба А. Н. ҳукмронии Переславл-Залесскийро дод.

Ритсарҳои ордени Ливон ш-ҳои Новгород ва Псковро ишғол карданд. Соли 1241 А. Н. Новгород ва пас аз як сол Псковро озод карда, барои нест кардани душман ба замини он равона шуд. 5 апр. 1242 дар сарҳади ордени Ливон – кӯли Чуд муҳорибаи шадид ба вуқӯъ пайваст, ки дар таърих бо номи «Ҷанги болои ях» машҳур аст. А. Н. қӯшуни ритсарҳоро иҳота намуда, нобуд кард. Соли 1245 қӯшунҳои князи Литва Миндовг ба Новгород ҳуҷум карданд. А. Н. душманро дар наздикии кӯли Жизса торумор сохт. Ҷангҳои бомуваффақияти А. Н. барои ҳимояи заминҳои шимолии Рус ба он оварда расонд, ки немисҳо аз заминҳои ишғолкардаашон даст кашида, қисми Латгалияро ба князии Новгород бахшиданд. 30 сент. 1246 ба падари А. Н. – Ярослав заҳр дода куштанд.

Соли 1247 А. Н. ба назди Ботухон ба Ӯрда рафта, аз он ҷо ҳамроҳи бародараш Андрей ба Муғулистон ба назди Хони Бузург раҳсипор шуданд. Ботухон мехост заминҳои князии Владимирро ба А. Н. диҳад, лекин падараш ин заминҳоро ба бародараш Андрей васият карда буд. Ба А. Н. заминҳои князии Киев ва «тамоми Рус»-ро доданд. Соли 1252 қӯшунҳои муғулу тотор ба заминҳои Андрей ҳуҷум карданд. Ӯ бо ёрии бародараш Ярослав бар зидди душман бархост, вале шикаст хӯрда ба Шветсия гурехт. Соли 1252 А. Н. князии Владимирро ба заминҳои худ ҳамроҳ намуда, унвони «князи бузург»-ро соҳиб шуд.

А. Н. дар калисои Рождественскийи ш. Владимир гӯронда шудааст. Дар с. 1742 бо фармони Пётри 1 колбади А. Н. ба калисои Александр Невскийи Санкт-Петербург оварда шуд. Соли 1547 калисои православии Рус А. Н.-ро ба силки қудсиён даровард. Ба номи А. Н. кӯча, хиёбон ва майдонҳо, калисоҳои православӣ ва ҳайкал гузошта шудааст. Бахшида ба ҳаёту фаъолияти ӯ филмҳои бадеӣ ба навор гирифта шудаанд. Дар Россияи подшоҳӣ, СССР ва Федератсияи Россия орден бо номи А.Н. таъсис дода шудааст. *М. Холов.*

АЛЕКСА́НДРЕ (Alexandre), Висенте (28. 4. 1898, Севилия – 14. 12. 1984, ҳамон ҷо), шоири испанӣ. Дар маҷмӯаҳои аввалинаш таъсири *сюрреализм* ба назар мерасад. Дар солҳои ҷанги миллӣ-озодихоҳии халқи Испания (1936 – 39) А. шеърҳои зидифашистӣ эҷод кардааст. Ашъори мазмуни фалсафӣ доштааш дар маҷмӯаҳои «Сояи Биҳишт» (1944), «Таваллуди охирин» (1953), «Таърихи дил» (1954) гирд омада, шоир ҳиссиёти умумибашарӣ, табиат, инсонро чун ҷузъи табиат тараннум кардааст. Дар асари ёддоштии «Вохӯриҳо» (1958) А. симои эҷодии нависандагони ҳамасрашро офаридааст. Дар ҳамдастиву ҳамкорӣ бо намояндагони дигари илму фарҳанги Испания бар зидди террори франкистӣ ва сензура садо баланд кардааст. А. – дорандаи Мукофоти Нобел (1977).

АЛЕКСА́НДРИ I Благословенный (23.12.1777, Санкт-Петербург – 1. 12. 1825, Таганрог), императори Умумироссиягӣ (аз 23. 03. 1801). А. чандин ислоҳот гузаронд, ки ислоҳоти либералӣ, тағйирот дар соҳаи калисо маориф ва молия аз ҷумлаи оҳоянд. Дар давраи ҳукмронии А. сохтмони қасабаҳои ҳарбӣ афзуда, сарҳади берунаи империя аз соҳили Балтика то Баҳри Сиёҳ тафзун гардид, ки деҳқонону казакҳо норозӣ шуда, шӯриш мебардоштанд. Соли 1819 шӯришҳо дар Харков, пас аз як сол дар Дон ба амал омаданд. Дар ин давра ба шӯришҳо сарбозони полки Семёнов ҳамроҳ шуда, онро дигар ҳарбиён низ дастгирӣ карданд.

Соли 1808 А. ба Шветсия муроҷиат намуд, ки ба коалитсияи зидди англисӣ ҳамроҳ шавад. Лекин шоҳи Шветсия Густав IV розӣ нашуд ва 9 февр. 1808 ба Финляндия даромад. 16 март ҷанг эълон карда шуд. Қӯшунҳои рус Гелсингфорс (Хелсинкӣ), ҷаз-ҳои Аланд ва Готландро ишғол намуда, қалъаи Свеаборгро муҳосира намуданд ва артиши швед ба шим. Финляндия танг карда бароварда шуд. 5 сент. 1809 дар ш. Фридрихсгам сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он Финляндия ва ҷаз. Аланд ба Россия гузаштанд. Дар давраи ҳукмронии А. I Россия инчунин бо Туркияи усмонӣ (1806 – 12) ҷангида, 16 майи 1812 сулҳномаи Бухарест имзо шуд. Солҳои 1804 – 13 ҷангҳо бо Эрон (Форс) ба вуқӯъ омада, 24 окт. 1813 сулҳномаи Гулистон (Қаробоғ) имзо шуд. 24 июни 1812 артиши Наполеон ба Россия ҳуҷум кард ва Ҷанги ватанӣ оғоз шуд, ки бо торумори пурраи артиши Наполеон ва кӯчондани амалиётҳои ҳарбӣ ба марзи Полша ва Германия (1813) анҷомид. А. пас аз Ҷанги ватании соли 1812 роҳбари коалитсияи зиддифрансиявии давлатҳои Европа (1813 – 14), Конгресси Вена ва асосгузорони Иттифоқи Муқаддас буд (1814 – 15).

Бо номи А. I ансамбли ёдгориҳои таърихии Майдони қаср (Қасри Зимистона)-и Санкт-Петербург ва Арки Штаби асосӣ алоқаманданд. Ба шарафи ғалаба бар Наполеон дар Ҷанги ватании с. 1812 дар Майдони қаср «Сутуни Александр» (1834) ва яке аз майдонҳои машҳури Берлин ба шарафи А. I «Александрплатс» гузошта шудааст. *Х. Қаюмова.*

АЛЕКСА́НДРИ II Николаевич (29. 4. 1818, Москва – 13. 3. 1881, Санкт-Петербург), императори Умумироссиягӣ бо лақаби «Озодибахш» (барои бекор кардани ҳуқуқи крепостнойӣ), шоҳи Полша ва князи бузурги Финляндия (1855 – 81) аз сулолаи Романовҳо. А. II пас аз марги падараш 18 февр. 1855 ба тахти салтанат нишаст. 3 марти 1861 А. II дар Петербург Манифест дар бораи бекор карда-



Александри II (Озодибахш).

ни ҳуқуқи крепостнойӣ ва Дастуруламал дар бораи деҳқонони аз ҳуқуқи крепостнойӣ озодгардидаро имзо кард. А. дар таърихи Россия ҳамчун ҷорикунандаи ислоҳотҳои васеъ маҳсуб мешавад. 1 явн. 1864 ислоҳоти ҳокимиятҳои маҳаллӣ (земство), судӣ (1864), худидоракунии шаҳрӣ (1870), ҳарбӣ ва аслиҳа (1860 – 70), маориф (1860 – 70) гузаронда шуданд.

Дар сиёсати беруна А. II сиёсати анъанавии империявиро давом дод. Дар солҳои аввали ҳокимияташ Россия дар ҷанги Кавказ ғолиб омад. Дар Осиёи Миёна (1865 – 81) ҷангҳои бисёре ба вуқӯъ пайваста, қисми зиёди он ба Россия ҳамроҳ карда шуданд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистони имрӯза Хуҷанд (24. 5. 1866), Нов (28. 5. 1866) Ӯротеппа (2. 10. 1866), Панҷакент, Фалғару Мастчоҳ (1870) ҷангҳои шадид ба амал омаданд. Солҳои 1877 – 78 Россия бо Туркия ҷангида, пас аз хотимаи он А. унвони генерал-фелдмаршалро соҳиб шуд (30. 4. 1878). Соли 1867 Аляскаро (Америкаи Русӣ) ба ШМА фурӯхт.

Дар давраи ҳукмронии А. с. 1881 амири Бухоро Музаффар аввалин ордени тоҷикӣ – «Нишони дор-ус-салтанаи Бухорои Шариф»-ро таъсис дод ва яке аз аввалин мукофотонидашудагон А. II буд.

Дар натиҷаи сӯиқасди 13 марти 1881 ба қатл расид. Ба ифтихори А. минерали александрит номгузорӣ шудааст. *М. Холов.*

АЛЕКСА́НДРИ III Александрович (10. 3. 1845, Санкт-Петербург – 1. 11. 1894, Қрим), императори Умумироссиягӣ, шоҳи Полша ва князи бузурги Финляндия аз сулолаи Романовҳо бо лақаби «Сулҳовар», 2 (14) марти 1881 пас аз вафоти падараш ба тахти салтанат нишаст. Яке аз ҳуҷҷатҳои аввалини ба имзо расондаи А. III «Манифест дар бораи устувории ҳокимияти мутлақ» (29 апр. 1881) буда, он дур шудан аз роҳи пешинаи озодфикрӣ (либералӣ) мебошад. Солҳои 1881 – 85 як қатор чорабиниҳо барои беҳтар гардондани ҳаёти деҳқонон, кам кардани андозҳо, ҳимояи меҳнати занону наврасон гузаронда шуданд. Ислоҳоти судӣ ва молиявӣ гузаронда шуда, дар ҳокимиятҳои маҳаллӣ (земство) нуфузи табақаи дворянӣ боло бардошта шуд. Солҳои 1882 – 84 бисёр нашриётҳо баста шуда, худмухторияти донишгоҳҳо бекор карда шуд, мактабҳои ибтидоӣ ба Синоди Муқаддас гузашта, ба фарзандони камбағалон гирифтани маълумот манъ карда шуд. Дар давраи ҳукмронии А. III Россия дар ягон ҷанг иштирок накарда, як муддат сулҳ барқарор буд ва аз ин рӯ ба А. III лақаби «Сулҳовар»-ро доданд. Самтҳои асосии сиёсати берунаи А. III тақвияти нуфузи Россия дар нимҷаз. Балкан, ёфтани иттифоқчиёни боэътимод, сулҳу салоҳ бо ҳамаи давлатҳо, муайян кардани сарҳадҳои ҷанубӣ дар Осиёи Миёна ва мустаҳкамшавии Россия дар марзҳои нави Шарқи Дур буданд. Соли 1885 Россия бо Англия созишномае дар бораи муайян кардани сарҳадҳои ҷанубӣ имзо карданд. Тибқи он сарҳади манфиатҳои ду давлати абарқудрат д-ҳои Панҷ ва Амӯ муайян карда шуда заминҳои тоҷикнишини соҳили чапи д. Аму ба Афғонистон гузаштанд.

20 окт. 1894 дар Ливадия (Қрим) вафот кард ва дар калисои Петропавловскийи Петербург дафн карда шудааст. Ба хотираи А. III дар аморати Бухоро ордени сеюми тоҷикӣ – «Нишони Искандари солиси дор-ус-салтанаи Бухорои Шариф» с. 1894 таъсис дода шуд. Бо номи А. дар ш-ҳои Россия кӯчаву хиёбонҳо, кӯпруку музей номгузорӣ ва ҳайкалҳояш гузошта шудаанд. *М. Холов.*

АЛЕКСАНДРИ́Т, яке аз намудҳои минерали *хризоберилл*, формулаи химиявиаш $BeAl_2O_4$, рангаш дар рӯзи равшан сабзи зумуррадӣ, дар рӯшноии сунъӣ – сурхи бунафшатоб, сахтиаш 8,5, зичиаш қариб 3700 кг/м^3. Дар конҳои пегматикӣ ҳамроҳи берилл, фенакит, рутил, флюорит, апатит ва минералҳои дигар вомехӯрад. А. санги гаронбаҳои дараҷаи 1-ум мебошад. Ба ифтихори подшоҳи Россия Александри II номгузорӣ шудааст. Конҳои А. дар Россия, Бразилия, Африкаи Ҷанубӣ, Мадагаскар ва Шри Ланка мавҷуданд.

АЛЕКСАНДРИЯ, шаҳр, ниг. *Искандария.*



Александрит.

АЛЕКСА́НДРОВ Александр Данилович [22. 7 (4. 8). 1912, губернияи Рязан – 27. 7. 1999, Москва], математики советӣ, узви пайвастаи АИ СССР (1964). Ректори Донишгоҳи Ленинград (1952 – 64). А. аз с. 1964 дар Шӯъбаи сибирии АИ СССР кор кардааст. Асосан дар соҳаҳои геометрия, муодилаҳои дифференсиалии ҳосилаи хусусӣ, топология тадқиқот бурдааст. Вай усулҳои омӯзиши хосиятҳои мет рии шаклҳои геометриявиро кашф кард, ки онҳо боиси пайдо шудани соҳаи нави тадқиқот – гуногуншаклиҳои мет рии номунтазам гардиданд. Усулҳои мазкур соҳаи тадқиқоти геометриявиро хеле васеъ намуда, боиси ҳал шудани як қатор муаммоҳои классикии назарияи сатҳҳо гардиданд ва дар назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва чилдҳои чандир татбиқи худро ёфтанд. А. дар соҳаи назарияи нисбият ва фалсафа низ тадқиқотҳо дорад. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1942). Устоди варзиши СССР доир ба кӯҳнавардӣ (1949).

АЛЕКСА́НДРОВ Анатолий Петрович [31. 1 (13.2). 1903, ш. Тарашаи вил. Киев – 16. 11. 1982, Москва], физики советӣ, яке аз асосгузорони энергетикаи атомӣ, узви пайваста (1953) ва президенти АИ СССР (1975 – 86). Се карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1954, 1960, 1973), директори Ин-ти муаммоҳои физикавии АИ СССР (1946 – 55). Аз с. 1960 директори Ин-ти энергетикаи атомии ба номи И. В. Курчатов. Асарҳои ӯ ба физикаи диэлектрикҳо, омӯзиши хосиятҳои пайвастагиҳои калонмолекула бахшида шудаанд. Ӯ назарияи статистикии мустаҳкамии ҷисмҳои сахтро пешниҳод намуд. Усули аз минаҳо муҳофизат кардани киштиҳоро кашф кард (1936), ки солҳои ҶБВ истифода гардид. Аз с. 1946 дар бунёди реакторҳои атомӣ иштирок кардааст. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1942, 1949, 1951, 1953) ва Мукофоти ленинӣ (1959).

АЛЕКСА́НДРО́В Геннадий Сергеевич (тав. 9. 4. 1937, ш. Душанбе), композитор, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷ. (1989). Хатмкардаи омӯзишгоҳи мусиқии ш. Самарқанд (1961). Соли 1960 баъди хатми Консерваторияи давлатии Тошканд ба Душанбе омада, дар муассисаҳои фарҳангии Тоҷикистон кор кард. Аз с. 1960 ба офаридани асарҳои мусиқӣ шурӯъ карда, қариб дар аксари жанрҳои мусиқӣ асар офаридааст. Ҳоло дар ШМА кор ва фаъолият



мекунад. Асарҳои созии А. дах пйеса барои фортепиано (1967), «Наѓора» барои фортепиано (1967) ва «Достони кӯҳсор» (1970), консерт барои рубоб ва оркестри симфонӣ (1972) мебошанд. Асарҳои симфонӣ: симфонияи № 1 (ля-минор, 1967) симфонияи № 2 (1969), симфонияи №3 «Нома ба асри XXX», 1972), симфонияи № 4 («Саҳифаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ», 1985), достони симфонии «Фатҳи замин» (1974), сюита барои оркестри созҳои халқӣ (1977), сюита-балети «Алибобо» (1978), Мадҳия ба хотираи М. Турсунзода бар матни Л. Шералӣ (1986) ва ғ. Асарҳои калонҳҷми мусиқӣ-саҳнавӣ: «Гавазни тиллоӣ» (либреттои Л. Сереброва, 1969), опереттаи «Оби ҳаёт» (либреттои М. Назаров, 1974), балети «Алибобо ва роҳзанҳо» (либреттои М. Собирова, 1983), мазҳакаи мусиқии «Фарҳод дар Норак» (1967), спектакли бачагонаи мусиқии «Оқил ва диловари накӯкор» (1986). А. ба барои спектаклҳо низ оҳанг навиштааст: «Ҳайвонотхонаи шишагӣ» (1968), «Писарак ва Карлсон» (1967), «Писари моҳигир» (1972), «Бунафша» (1975), «Фоҷеаи хурди Пушкин» (1976), «Машъали фурӯзон» (1979). Дар асарҳои барои оркестри созҳои халқӣ эҷоднамудаи А. ҷои асосиро савту навоҳои халқӣ ишғол мекунанд. Мазмуну мундариҷаи асарҳои А.-ро тасвири олами рангину сеҳрангези кӯдакон, афсонаҳои пурмазмуну дилошуби онҳо, табиати хоси тифлакон, инчунин рӯҳияи ҳамзамонон, қаҳрамонони арсаи меҳнат, фотеҳони нерӯгоҳҳои барқию даштҳои ташналаб ва орзую омоли одамони имрӯзу оянда ташкил медиҳанд.

Солҳои 70 – 80 а. 20 бо киностудияи «Тоҷикфилм» зич ҳамкорӣ дошт. Мусаннифи оҳанги кинофилмҳои «Ҳабиб ҳокими морҳо» (1972), «Истгоҳи кӯҳӣ» (1073), «Муҳосира» (1976), «Ишқи аввали Насриддин» (1978), «Гузаштаро ёд ор» (1979), «Тирнайзаи тиллоӣ» (1979), «Ҷаҳиш» (1981), филми сесериягии телевизионии «Сулҳ ба хонадони шумо» (1981), «Гаравгон» (1984), «Боз як шаби Шаҳрзод»(1984),«Манбаӯмаъқулам» (1985), Ҷӯрашикорчӣ аз Минарҳар» (1985), «Афсонаҳои нави Шаҳрзод» (1986), «Кафорат» (1987), «Охирон шаби Шаҳрзод» (1987), «Қазия дар фурудгоҳ» (3 серия, 1987), «Нигоҳ» (1988), «Дарди ишк» (1989), «Ҳуҷра» (1989), «Тӯҳмат» (1992), «Асрори Нӯҳ пайѓамбар» (якҷоя бо синамогарони Сурия, 1992). Барои филмҳои анимацсионии «Ривоят дар бораи фарзанд» (1983), «Рӯзи хушбахтӣ» (1983), «Шоҳзодаи бузғолаҳо» (1984), «Чӣ тавр гурба бо мушҳо мечангид» (1985), «Чӯпонбачаи ҷасур» (1986), «Коваи оҳангар» (1987), «Ҷома барои абри найсон» (1988), «Мурғи Қаҳқаҳа» (1988) мусиқӣ навиштааст. Соли 1992 ба ҳайси режиссёр филми мусиқӣ-моҷароии «Қасосгираки кӯчак»-ро таҳия намуд. А. забони тоҷикиро хеле хуб медонад, аз «Шоҳнома» ва мероси дигари мусиқии тоҷикон шиносоии ҳирфаӣ дорад. Аз ҳамин сабаб асарҳои барои кинофилм офаридаш дақиқ ва мувофиқи талабот буданд. Сурудҳои эҷодкардааш дилнишин буда, баъзе аз онҳо то ҳанӯз иҷро карда мешаванд.

Ш. Ҳабибов, С. Раҳимов.

АЛЕКСА́НДРОВ Павел Сергеевич [25. 4. (7) 1896, Богородск – 16. 11. 1982, Москва], математики шӯравӣ, узви пайвастаи АИ СССР (1953). Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1969). Президенти фахрии ҷамъияти математикҳои Москва (аз с. 1964; с-ҳои 1932 – 64 президент он), ноибпрезиденти ҷамъияти байналмилалии математикҳо (1958), узви бисёр академияҳои хориҷӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ. А. асосгузори мактаби топологияи советист, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Тадқиқоти А. ба назарияи маҷмӯъҳо, назарияи функсияҳо ва топология бахшида шудаанд. Якҷоя бо П. С. Урисон назарияи фазоҳои компактӣ ва биокомпактиро ба вуҷуд оварда ва инкишоф дод. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1943).

АЛЕКСЕ́ЕВ Ростислав Евгеневич [6 (19). 12. 1916, Новозибкови губернияи Чернигов – 9. 2. 1980, Горкий], киштисози советӣ, доктори илмҳои техникӣ. Сарконструктори киштиҳои қанотҳояшон зериобии навъи «Ракета», «Метеор», «Комета» ва ғ. Сохтани экранопланҳо – дастгоҳҳои париши парвози наздиобӣ ва наздизаминиро сарварӣ кардааст. Соли 1973 дар парвозҳои санҷишӣ экранопланиаз рӯи контруксияи А. сохташуда бо вазни парвозии 544 т дар назди об бардошта шуд (дар тӯли 25 сол ин вазн рекорди мутлақи ҷаҳониро дар байни вазни дастгоҳҳои париши дигар ташкил дод). Ин киштӣ суръаташро то 600 км/соат вусъат медод. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1951), Мукофоти ленинӣ (1962), Мукофоти давлатии СССР (1984).

АЛЕКСЕ́Й МИХАЙЛОВИЧ (19. 3. 1629 – 8. 2. 1676, Москва), дуюмин шоҳи рус аз сулолаи Романовҳо. Бо фармони А. М. 7 февр. 1646 ба намак боҷи нав ҷорӣ карда шуд ва он сабаби сар задани «ошӯби намак» (25 майи 1646) гардид. 1 окт. 1653 дар Москва тасмим гирифта шуд, ки бо Полша ҷанг эълон карда шавад. Пас аз ҷанг бо Полша дар дохили Россия исёнҳои нав сар заданд. Пас аз сарнагун кардани патриарх Никон А. М. ба китобҳои динӣ тағйирот ворид кард. Бисёри рӯҳониён ва калисоҳо зидди ин навоварӣ буданд, хусусан калисои Соловетский муқобилият мекард. 22 янв. 1676 калисо зӯран гирифта, исёнгарон овехта шуданд. Дар ин давра дар ҷан. мамлакат казаки Дон – Степан Разин шӯриш бардошт. Ӯ с. 1667 корвони Шоринро талаву тороҷ намуда, ш. Яинскро гирифт, киштиҳои тиҷоратии форсҳоро ғорат кард, лекин дар Астрахан аз ин корҳо даст кашид. Майи 1670 ӯ боз ба Волга рафта ш-ҳои Саритсин, Чёрний Яр, Астрахан, Саратов ва Самараро гирифт, қабилаҳои черемис, чуваш, мордва ва тоторро бархезонд. Дар наздикии ш. Симбирск шикаст хӯрда ба самти Дон гурехт. Ӯро атаман К. Яковлев дастгир намуд ва 6 июни 1671 дар Москва қатл карда шуд. Пас аз ин ҳодисаҳо ҷанг бо Туркия барои Малороссия оғоз шуда, танҳо с. 1681 сулҳ баста шуд.

А. М. с. 1654 ислоҳоти пулӣ гузаронда аз ҳисоби талерҳои дар хазина ҷамъшуда сикка зад (рубл, «ефимка», четвертина ё полуполтинник) ва ба муомилот полтинники мисин бароварид. Ӯ фармон бароварид, ки аҳолӣ андозро бо нуқра супораду пардохт аз хазинаи давлат бо тангаи мисӣ ба роҳ монда шавад. Деҳқонон ғаллаи худро, тоҷирон борҳояшонро ба пули мисӣ фурӯхтан намехостанд ва дар натиҷа «ошӯби мисӣ» сар зад. Инчунин А. М. вазоратҳои нави марказӣ ташкил, баъзе боҷҳои хурдро бекор, киштисозиро оғоз ва қонунҳои нав ҷорӣ кард, бақайдгирии аҳолиро гузаронд. Дар замони ҳукмр. А. М. Украина ба Россия ҳамроҳ шуда (1654), забти Сибир идома ёфт ва ш-ҳои Нерчинск (1658), Иркутск (1659), Пенза (1663), Селенгинск (1666) бунёд гардиданд. Ба хотираи А. М. дар ш. Новий Оскол ҳайкал гузошта шудааст (2010).

М. Холов.

АЛЕ́НДЕ (Allende) Госсенс Салвадор (26. 7. 1908, Сантяго – 11. 9.

1973, ҳамон ҷо), арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Чилӣ, президенти Чилӣ (1970 – 73), дорандаи Мукофоти байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам кардани сулҳи байни халқҳо» (1972). Соли 1932 фак-ти тиббии Унти Чилиро хатм кардааст. Дар таъсиси Ҳизби сотсиалисӣ саҳм гузошт; баъдан яке аз роҳбарони он; вакили конгресси миллӣ ва вазири нигаҳдории тандурустӣ (1937 – 41) буд. Ҳамчун вазир бори нахуст дар таърихи Чили барои коргарон фонди суғурта ташкил намуд. Солҳои 1945 – 70 аъзои сенат ва раиси он (1966 – 69). Баъди коалитсияи Ҳизби сотсиалистӣ бо ҳукумат ва қатъи Ҳизби коммунистӣ (1948) А. Ҳизби халқӣ – сотсиалистӣ таъсис намуд. Солҳои 1952, 1958 ва 1964 аз тарафи фронти «Ҳаракати халқӣ» ба вазифаи президентӣ пешниҳод шудааст. Солҳои (1970 – 73) А. президент интихоб гашт. Соли 1972 бо даъвати расмӣ ба СССР омадааст. Муаллифи чанд асар, аз ҷумла китоби «Масъалаҳои тиббию иҷтимоии Чилӣ» (1940). Дар табаддулоти хунтаи давлатӣ, ки 11 сент. 1973 шуда буд, қатл гардид.

АЛЕУ́Т, галаҷазира, силсилаи ҷазираҳои вулқонӣ дар шим. Укёнуси Ором, ҷан. ғарбтари нимҷаз. Аляска. Аз 110 ҷаз. ва сахраҳои (шуҳҳои) сершумор иборат аст. Аз Аляска то ҷаз-ҳои Командор ба масофаи 1900 км камоншакл тӯл кашидааст. Тобеи штати Аляска (ШМА). Масоҳ. 37,8 ҳазор км^2. Аҳолиаш наздики 10 ҳазор нафар (якҷоя бо чандсад сокинони таҳҷоӣ – алеутҳо; маълумоти с. 2006). Маҳалли аҳолинишини асосӣ – Адак (дар ҷаз. ҳамном). А. Баҳри Беринго аз Укёнуси Ором ҷудо мекунад. А. теғаи қ-кӯҳҳои зериобӣ буда, аз с. б. то 2860 м (вулқони Шишалдина дар ҷаз. Унимак) қад кашидааст. Аксари ҷаз-ҳо вулқонӣ буда, серзилзилаанд. А. 25 вулқони амалкунанда дорад. Иқлимаш баҳрии нарм (субарктикии укёнусӣ), сербориш, доимо туманнок. Ҳарор. миёнаи авг. 11,9°С. Ландшафташ аз марғзорҳои субарктикӣ ва тундраҳои кӯҳӣ иборат аст. Хокаш ба шарофати ҷинсҳои вулқонӣ – серҳосил. Дар А. гӯсфанду оҳупарварӣ ривоҷ дорад. Бо мақсади аз нобудшавӣ нигоҳ доштани гуногунии биологӣ моҳидорӣ, шикори тюлен ва мӯинадорҳо танҳо ба аҳолии таҳҷоӣ – алеутҳо иҷозат дода шудааст. Аксари ҷаз-ҳо мансуби Мамнӯъгоҳи миллии Алеут мебошанд. А.-ро экспедитсияи сайёҳони рус А. И. Чириков ва В. Беринг (1741 – 42) кашф кардааст. Ох. а. 18 – авв. а. 19 саноатчиёни рус дар ин ҷо чанд шаҳраки аҳолинишин сохтанд. Соли 1867 А.-ро Россия якҷоя бо Аляска ба ШМА фурӯхт. Дар ҷаз. Уналашка пойгоҳи ҳарбӣ-баҳрии Датч-Харбори ШМА ҷойгир аст.

АЛЕУ́ТҲО (худашон унанган мегӯянд), аҳолии муқимию асосии галаҷазираҳои Алеут (дар ШМА). Бештар аз 900 кас аз авв. а. 19 дар ҷаз-ҳои Командори Федератсияи Россия зиндагӣ доранд. Бо забони алеутӣ такаллум мекунанд. А. тақр. 4000 – 4500 сол пеш аз қабилаҳои эскимоси Аляска ҷудо шуда, ба галаҷаз-ҳои Алеут омадаанд. Машғулияташон аслан шикорчигӣ буд. А.-ро баҳрнавардон ва сайёҳони рус дар а. 18 кашф кар данд. Аз ибт. а. 19 баъзе хусусиятҳои маданияти мардуми рус ва дини нас рониро пазируфтанд. Дар ҷаз-ҳои Командор с. 1932 ноҳ. Алеут таъсис ёфт. *Б. Раҳматов.*

АЛЁХИН Александр Александрович (1. 11. 1892, ш. Москва – 24. 03. 1946, наздикии ш. Лиссабон, қабраш дар Париж), шоҳмотбози рус. Соли 1921 ба Франсия ҳиҷрат кард, гроссмейстери байналмилалӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Аз с. 1927 (баъди ғалаба бар Хосе Капабланкаи кубагӣ) то с. 1935 ва аз с. 1937 (баъди ғалаба бар Макс Эйвеи голландӣ) то ох. умр чемпиони ҷаҳон буд. Намояндаи мактаби шоҳмотбозони рус А. Д. Петров ва М. И. Чигорин. Ҳамчун нобиғаи шоҳмот эътироф мешавад ва эҷодиёташро дар тамоми ҷаҳон меомӯзанд. Муаллифи беш аз 10 китоб оид ба шоҳмот мебошад.

АЛИАКБА́Р (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳи ох. а. 15 ва нимаи авв. а. 16-и Осиёи Миёна. Соли 1506 аз Мовароуннаҳр ба саёҳати Хитой рафта, чаҳор вилояти онро гашт ва се моҳ муқими Бейҷин (Пекин) шуд. Ба ин сабаб ба ӯ лақаби «хитойӣ» насб гардид. Аз Хитой ба Осиёи Хурд рафта, дар Қустантания (Константинопол) иқомат кард. Чанд муддат дар Истанбул дар хизмати *Алии Қушчӣ* буд. Соли 1516 ба забони тоҷикӣ бо номи «Таърихи Хитой ва Хутан» сафарномае иборат аз бист боб таълиф кард. Асар очерки таърихию географист, ки доир ба тарзи давлатдорию тиҷорат, тариқи зисту хоҷагидории мардумон, ёдгориҳои таърихию маданӣ, маъбаду масҷидҳо, ҷашну маросимҳо ва шуғлу ҳунари сокинони ин кишварҳо маълумоти муфассал медиҳад. «Таърихи Хитой ва Хутан» дар Туркия бо номи «Қонунномаи Чин ва Хутан» ё «Хитойнома» машҳур буда, ох. а. 16 ба туркӣ тарҷума шудааст.

АЛИА́СҒАРИ МУСАВВИ́Р (с. тав. ва ваф. номаълум), мусаввири эронӣ (нимаи дуюми а. 16 ва ибт. а. 17). А. М. аслан аз Кошон буда, қариб тамоми умр дар Машҳад зистааст. Ӯ дар китобхонаи ҳокими Машҳад Мирзо Иброҳим ба ҳунари мусаввирӣ машғул будааст. Искандари Муншӣ дар «Таърихи оламороии Аббосӣ» А. М.-ро дар радифи наққошон ва мусаввирони дарбори шоҳ Таҳмосб ном бурдааст. А. М. шогирдони бисёреро ба камол расонидааст. Қозӣ Аҳмад худро аз шогирдони А. М. медонад. Мусаввири машҳур Оқо Ризо писари А. М. буда, тамоми назокати наққоширо аз падараш омӯхтааст. Қозӣ Аҳмад ӯро дар ҳунари наққошӣ бо Монниву Беҳзод дар як радиф гузоштааст. Мутаассифона, намунае аз осори А. М. то ба имрӯз дастрас нашудааст

Ад.: Кази Ахмед, Трактат о калиграфах и художниках, М. – Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988. *Л. Бойматов.*

АЛИАҲМАДОВА Бозоргул (тав. 1936, деҳаи Арбоби ноҳ. Мӯъминобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1978), Устоди пахтаи Тоҷикистон. Колхозчӣ (1950 – 57), сардори бригадаи пахтакории к-зи ба номи Ленини ноҳ. Мӯъминобод (1957 – 89). Аз с. 1990 нафақагири шахсӣ. Бригадааш ҳосили фаровони пахта рӯёндааст. Бо орденҳои Ленин ва Револютсияи Октябр, медали «Барои меҳнати шуҷоатнок. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди Владимир Илич Ленин» сарфароз гардидааст.

АЛИБЕГИ́И ТАНБӮРӢ (848, Бухоро – 910, ҳамон ҷо), ҳофиз, навозанда ва оҳангсози тоҷик. Намояндаи машҳури мактаби классикии замони Сомониён. Асосҳои назариявию амалии мусиқиро назди Абулаббоси Бахтиёр ва Абулаббоси Сарахсӣ омӯхтааст. А. Т. аз мӯътақидон ва мубаллиғони сабки иҷроии «Хуросоник» (Хуросонӣ) буда, бештар суруду осори мусиқиашро бар пояи мероси мусиқии фаҳлавиёту марвисароӣ танзиму тадвин менамуд. А. Т. ба услуби сарояндагии *Абуамир* пайравӣ намуда, хусусан дар иҷрои достонҳои ҳамосавӣ, қасидаю маснавӣ ном бароварда буд. Дар навохтани танбӯр, алалхусус танбӯри моваруннаҳрӣ маҳорати баланд дошт. Дар равиши иҷроии танбӯри хуросонӣ сабки нави иҷроиро ворид намуда, дар сохти пардавии ин соз пардаи 19-ро бо номи «нашид» зам кардааст. Дар

танбӯри моваroуннаҳрӣ ҳам ихтирооте доштааст ва аҳли созу овоз ӯро «Танбӯрнаво», «Танбӯрӣ» ном мебурданд. Ӯ барои танбӯр чандин тарона ва оҳанг тасниф намудааст, ки, мутаассифона, то имрӯз нарасидаанд.

Ад.: Рачабзода А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Рачабов.

АЛИБЕГӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳии ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия 8 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 615 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ. Заминҳо аз д. Хонақоҳ обёрӣ мешаванд.

АЛИБЕ́КИ ТАБРЕЗӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти эронӣ (ох. а. 16 – авв. а. 17). Зодгоҳаш Табрез. Аз рӯйи маълумоти Қозӣ Аҳмад (1580) ӯ бо А. Т. дар Табрез вохӯрда, дар рисолааш *«Гулистони ҳунар»* рочеъ ба А. Т. маълумот додааст. Лақабаш «Ҷамол - ул-мулк». Ҳунари хаттотиро аз устодаш *Шамсуддини Табрезӣ* омӯхта, дар навиштани анвои хат, бахусус дар хати сулс шӯҳрат ёфтааст. Дарвозаву масҷидҳо ва дигар ҷузъҳои меъмории ш. Табрез бо хати А. Т. оро ёфтаанд. Шогирдони А. Т. Алии Табрезӣ, Абдулбоқии Донишманд, Алиризои Аббосӣ, Хоҷа Мақсуд, Мирзо Ҳасанбек ибни Маҳмудбеки Салим ва дигарон дар рушди анвои ҳунари хаттотӣ дар Эрон саҳм гузоштаанд.

Ад.: Кази Ахмед, Трактат о каллиграфах и художниках, М – Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988.

Л. Бойматов.

АЛИБИ (лот. Alibi – дар ҷойи дигар будан), ҳолати бегуноҳии айбдоршаванда (гумонбар).Ниг. низ *Адами ҳузур*.

АЛИБО́Й, деҳа дар ҷамоати деҳоти Зайнабободи ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомониён 9 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1876 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз наҳр обёрӣ мешаванд.

АЛИГАЛАБО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҳакимии ноҳ. Нуробод. Аз А. то маркази ноҳия 44 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 929 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, 6 ошхона-чойхона ва 2 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашмаҳо обёрӣ мешаванд.



Алиаҳмадова Бозоргул.



Алиев Аббос.

АЛИГЕ́Р Маргарита Иосифовна (7. 10. 1915, Одесса – 1. 8. 1992, Москва), шоира, тарҷумони рус. Хатм кардаи Ин-ти адабиёти ба номи М. Горкий (1937). Шеърҳои нахустинаш с. 1933 ба табъ расиданд. Маҷмӯаи аввалинаш «Соли таваллуд» (1938). А. дар тӯли ҳаёти эҷодиаш ҳамқадами замон буд. Дар шеърҳои с-ҳои 30 а. 20 эҷодкардааш ба мавзӯи ҳаёти ҷавонони пешқадаму бунёдкори ҳаёти нав, баъдан ба мавзӯи ҶБВ (1941 – 45) муроҷиат карда, корнамоиҳои халқи шӯравиро дар ҷанг ва ақибгоҳ тасвир намудааст. Дар достони «Зоя» (1942; Мукофоти давлатии СССР, 1943) симои қаҳрамондухтари 18-сола – Зоя Космедемянскаяи москвагиро, ки фашистон ба дор кашида буданд, моҳирона, пуртаъсир ва барҷаста офаридааст. Достони «Ғалабаи ту» (1945) низ асари қаҳрамонист. А. чун тарҷумони осори беш аз 40 шоири дунё – аз шоирони ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ва хориҷӣ шӯҳрат дорад. А. аз эҷодиёти шоирони тоҷик баъзе шеърҳои Ҳилолӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ ва дигаронро ба русӣ гардондааст. Асарҳои тарҷумакардаи А. дар маҷм. «Ҷаҳони бекарон» («Огромный мир») фароҳам омадаанд.

АЛИГӢ, навъе аз тутҳои бедонаи маҳаллӣ. Дарахташ зудсабз, то 8,4 м қад мекашад (қутри танааш 126 см). Баргаш калон (дарозиаш 13,6 см, бараш 10,2 см), дилшакл ё яклухти дандонадор. Мевааш майдаи бетухм (дарозиаш 0,7 см, бараш 0,6 см), сафеди сурхча, ох. май мепазад. Дарахти А. ба сармову гармо ва камобӣ тобовар буда, дар заминҳои серсанг ва канори ҷӯйборҳо хуб месабзад. Ниҳоли пайвандиаш баъди 4 – 5 соли шинондан самар меорад. Меваашро асосан тар мехӯранд, тутмавиз мекунанд, ширинӣ мепазанд. Ба тутмавизи А. нони талқон, магзи зардолу ё чормағз ҳамроҳ карда мекӯбанд ва тутпист (хӯрокии хуби серғизо) тайёр мекунанд (онро муддати зиёд нигоҳ доштан мумкин). А. хоси водии Зарафшон буда, асосан дар ноҳияҳои Мастчоҳу Айнӣ боқӣ мондааст. Дарахташ бештар аз ҳашароти зараррасон (кирминаи комсток ва тортанаккана) зарар мебинад.

Ад.: Смольский Н. В., Культура тутового дерева в Зеравшанской долине, дар кит. Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935.

С. Гулов.

АЛИДӮСТИ НОЙӢ (1501, Ҳисор – 1569, Ҳирот), оҳангсоз, навозанда ва мусиқишиноси тоҷик. Санъат ва илми мусиқиро сараввал аз падараш, баъд аз Ҳусайнхони Хоразмӣ ва *Абдулллоҳи Нойӣ* омӯхта, муддате дар дарбори ҳокими Тирмиз ҳамроҳи Хоҷа Ҷаъфари Қонунии Самарқандӣ ва Амирмастии Ҳиравӣ ҳунарварӣ кардааст. Бо санъаткори номӣ Мавлоно Хатиб дӯстӣ дошта, аз ӯ равиши сохтани «савт», «нақш», «амал», «кор» «қавл», «куллиёт», «рехта» ва ғ-ро омӯхтааст ва дар анвои созию овозӣ асарҳои ҷолибе офаридааст. Дар асоси мақомҳои «Ироқ», «Ҳусайнӣ», «Бӯсалик» ва «Наво» оҳангҳо эҷод намудааст, ки онҳо на танҳо дар Тирмиз, Бухоро, Ҳирот ва Балх, балки дар Ҳиндустон низ шӯҳрат доштаанд. Бахшида ба устодаш Ҳусайнхони Хоразмӣ «Нақши Маҳдум»-ро офарид, ки он басе маъмул буд. Дар усул, зарби «Миаттайн» ба офаридаҳои устодони мусиқӣ Амирқули Танбӯрӣ, Устод *Оҳуи Мусиқор*, Устод Санҷари Оҳубарра, Хоҷа Шайхи Балабонӣ ва дигарон назираҳои мусиқӣ сохтааст.

Ад.: Рачабов А., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007.

А. Рачабов.

АЛИ́ЕВ Аббос (1899, Бухоро – 16. 1. 1958, Алмаато), арбоби давлатӣ, таърихдон, доктори илмҳои таърих (1936), проф. (1940). Мактаби олии ҳизбӣ ва сиёсии «Красная профессура»-и назди КМ ВКП (б)-ро хатм кардааст. Фаъолияти сиёсии А. дар Бухоро, Когон ва Чорҷӯй оғоз шудааст. Аз ташкилотчиёни Республикаи Халқии Советии Бухоро. Дар нахустин идораҳои давлатӣ кор кардааст. Муддате муҳаррири г. «Қутулуш» (баъдтар «Бухоро ахборӣ», «Озод Бухоро», «Бухоро пролетарӣ», «Бухоро ҳақиқатӣ») буд. Яке аз муассисони маорифи халқ ва якумин нозири маорифи халқи РАСС Тоҷ. (1924 – 27). Фаъолияти илмӣ ва омӯзгориаш аз с. 1933 дар Ун-ти давлатии Осиёи Миёна шурӯъ шуд. Солҳои 1940 – 58 дар ин-тҳои педагогии ш-ҳои Фрунзе (ҳоз. Бишкек), Днепропетровск, Ун-ти давлатии Қазоқистон мудири кафедраи таъ-

рихи умумӣ, таърихи халқҳои СССР буд. Солҳои 1940 – 45 дар Ин-ти давлатии педагогии Душанбе мудири кафедраи таърихи Шарқи Қадим ва халқҳои СССР, декани фак-ти таърих буд ва ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ дарс мегуфт. Муаллифи як қатор асарҳои илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Бо ордени Ситораи тиллоии Комиҷроияи Марказии Республикаи Халқии Советии Бухоро (1922) сарфароз гардидааст.

Ос:. Великий Октябрь и революционизирование народов Бухары, Ташкент, 1958.

АЛИ́ЕВ Боймурод (18. 11. 1944, ноҳ. Ваҳдат), математики тоҷик, номзади илмҳои физика ва математика (1972), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон (1987). Хатм кардаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (1967).



Фаъ олияти илмиашро дар шӯъбаи математикаи АИ РСС Тоҷ. (1971 – 1972) чун ходими калони илмӣ оғоз карда, сипас дар УДТ (ҳоло ДМТ) ба ҳайси муаллими калон (1972), дотсент (1976), мудири кафедраи усулҳои ҳисоббарорӣ ва механика (1977 – 2000) кор кардааст. Тадқиқоти ӯ асосан ба соҳаи таҳияи алгоритмҳои устувор барои ҳалли масъалаҳои ғайрикорректавии физикаи математикавии омӯзиши тайфҳо оиданд. А. муаллифи зиёда аз 100 мақолаи илмӣ, якчанд китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ оид ба математика мебошад. Солҳои 1984 – 91 узви сексияи васоити техникии таълим ва истифодаи техникаи ҳисоббарори Шӯрои методии Вазорати маълумоти олии СССР буд. Аз с. 2005 раиси гурӯҳи коршиносон оид ба нашри китобҳои дарсии фанни математика ва узви Шӯрои миллии таҳсилоти Вазорати маорифи ҶТ мебошад. Бо Ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон дар соҳаи илм ва техника (1974), ҷоизаи Президенти ҶТ дар соҳаи маориф «Барои хизматҳои шоиста дар пешбурди соҳаи маорифи ҶТ» (2010) сарфароз гардидааст.

М.Хоҷабекова.

АЛИ́ЕВ Гадойбой (1901, деҳаи Ҷигдалики ноҳ Конибодом – 6. 6. 1988, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Колхозчӣ (1931 – 40) ва сардори звенои пахтакории к-зи «Коммунизм»-и



Алиев Гадойбой.



Алиев Ғулом.

ноҳ. Конибодом (1940 – 66). Аз с. 1966 нафақагир буд. Звенои А. с. 1947 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АЛИ́ЕВ Ғулом Алиевич (20. 12. 1915, Самарқанд – 13. 3. 2009, Душанбе), зоотехник-селексионер, акад. АИ ҶТ (1953), акад. ВАСХНИЛ (1972), доктори илмҳои кишоварзӣ (1965), проф. (1973). Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1975). Ин-ти кишоварзии Самарқандро хатм кардааст (1934). Зоотехники с-зи қароқӯлпарвории Ғузор (1934 – 35), аспиранти Ин-ти умумииттифоқии чорводорӣ (1937 – 41), директори Пойгоҳи тачрибавии чорводории Тоҷикистон (1941 – 42), ҷонишини мудири шӯъбаи кишоварзии КМ ПК РСС Тоҷ. (1942 – 43), коркуни дипломатӣ (1943 – 45), директори Шӯъбаи тоҷикистонии Ин-ти тадқиқоти илмии чорводории АИ СССР (1945 – 50), ректори Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1950 – 53), ноиби президенти АИ РСС Тоҷ. (1953 – 58), ҷонишини вазир ва вазири хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1958 – 62), котиби КМ ПК РСС Тоҷ. (1962 – 73), ректори Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1973 – 81), мудири лабораторияи генетика ва селексияи гӯсфанди АИ ҶТ (1981 – 2009). А. *гӯсфанди тоҷикиро* ба вуҷуд овард. Муаллифи 230 асару мақолаҳои илмист, ки ба масъалаҳои ривоҷи чорводорӣ, бордоркунии сунъӣ, беҳ гардондани зот ва омӯзиши физиологияи чорво дар шароити иқлими гарм, таҳлили зоотехникӣ ва ғ. оиданд. А. бори аввал аҳамияти генро баҳри зиёд намудани пашми гӯсфандон (зотҳои маҳинпашм ва дуруштпашм) муайян намуд. А. раиси Шӯъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти умумииттифоқии генетикҳо ва селексионерони ба номи Н. И. Вавилов буд. Бо бисёр ордену медалҳои шӯравӣ сарфароз гаштааст.

Ос.: Таджикская мясо-сально-шерстная порода овец, Д., 1987; Рекомендации по совершенствованию племеных и продуктовых качеств таджикской породы овец, Д., 1986.

АЛИ́ЕВ Дӯстмурод (19. 4. 1950, деҳаи Муллобароти Ҷамоати деҳоти Ҷавонони ноҳ. Файзобод – 18. 5. 1985, ҳамон ҷо), сароянда тоҷик (тенори лирикӣ), Ҳофизи халқии РСС Тоҷ. (1979). Хатмкардаи фак-ти маданию маърифатии ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1974). Солҳои 1974 – 75 дар сафи Артиши Шӯравӣ хизмат кардааст. Аз с. 1975 то ох. умр роҳбари бадеии дастаи ҳунарии Хонаи маданияти ноҳ. Файзобод буд. А. мусаннифи зиёда аз 60 суруду таронаҳост. Асоси репертуари ӯро мавзӯъҳои мухталифи замони мо доир ба васфи Ватану меҳнат, диёри хушманзар, фидокориҳои мардуми шуҷоатманди мо, тараннуми муҳаббати поки инсонӣ ва ғ. ташкил медиҳанд. Сурудҳои «Туро ман дӯст медорам» (шеъри Лоиқ), «Баҳор омад» (шеъри халқӣ), «Махзани дурдона» (шеъри А. Баҳорӣ), «Моҳи рухсорат» (шеъри Сайидо), «Ноз», «Мастона ба ноз омадаӣ» (шеъри Кошиф), «Садқаи чашмони ту» (шеъри Ш. Ҳайрат), «Савсани ҳусн» (шеъри А. Воситзода) аз оҳангҳои ӯ буда, басо дилнишинанд. А. чун актиёр низ дар чандин пйесаҳои якпардагӣ як қатор ролҳо офаридааст, ки беҳтаринашон Зиёпонсад («Оилаи аксар»-и Т. Аҳмадхонов), Ориф («Бародарон»-и С. Саидмуродов), Эшони Иллоанта («Иллоанта»-и А. Атобоев) мебошанд. Ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (1984) сафари ҳунарӣ кардааст.

АЛИ́ЕВ Иршод Саидович (тав. 7. 1. 1930, ноҳ. Керчики Туркманистон), хокшинос, доктори илми биология (1986), Агрономи хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1977). Баъди хатми Ин-ти кишоварзии Тошканд (1953) дар Ин-ти хокшиносии Тоҷикистон ба ҳайси ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, мудири шӯъба, муовини директор оид ба илм фаъолият намудааст. Дар робита ба хокшиносӣ, обёрии заминҳои шӯр, агрохимияи замин тадқиқот анҷом дода, дар водиҳои Вахш, Ҳисор, ноҳияҳои Ашт, Хуҷанд ва ғ. озмоишу тачрибаҳо гузарондааст. Тавсияҳои А. оид ба роҳҳои баланд бардоштани ҳосилхезии замин, обшӯй кардани хокҳои шӯр дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ос.: Мелиорация и сельскохозяйственное освоение каменистых почв Таджикистана, Д., 1981.

АЛИ́ЕВ Қурбон (тав. 15. 1. 1940, деҳаи Ҷавкандаки ноҳ. Истаравшан), биолог, доктори илми биоло-


Алиев Иршод.


Алиев Сулаймон.


Ализода Зариф.


Ализода Сайидризо.

гия (1985), проф. (1990), узви вобас таи АИ ҶТ (1997). Хатмкардаи УДТ (1962). Дорандаи Ҷоизаи олимони ҷавон (Москва, 1965). Лаборанти калон (1962 – 63), коромӯз (1963 – 64) ва аспиранти Ин-ти биохимияи АИ СССР (1964 – 69), ходими хурд (1969 – 71) ва ходими калони илмӣ (1971 – 73), мудири лабораторияи биологияи молекулавӣ ва инженерияи гении Ин-ти физиологияи растанӣ ва генетикаи АИ РСС Тоҷ. (аз 1973). Муаллифи зиёда аз 180 таълифоти илмист, ки ба масоили биологияи молекулавӣ, биохимия, физиологияи растанӣ ва биотехнология бахшида шудаанд. Яке аз муҳаққиқони соҳаи биотехнологияи зироат дар Тоҷикистон. Мақолаҳояш дар маҷаллаҳои илмии Россия, ШМА ва дигар мамолики хориҷӣ ба табъ расидаанд. Бо ордени «Шараф» қадр шудааст.

Ос.: Об автономии хлоропластов в синтезе белков, Д., 1971; Выращивание оздровленного картофеля в Таджикистане, Д., 1996; Молекулярные механизмы биогенеза фотосинтетичес кого аппарата растений, Д., 1997.

АЛИ́ЕВ Сулаймон (тав. 25. 4. 1945, Ҷумҳурии Ӯзбекистон), равоншинос, доктори илми педагогика (2009), Аълочии маорифи Тоҷикистон. Хатм кардаи шӯъбаи англисии фак-ти забонҳои хоричии Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1966). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи СССР (1966 – 68), аспиранти Пажӯҳишгоҳи психологияи умумӣ ва педагогии АИП СССР (ш. Москва; 1969 – 70), муаллим, муаллими калон, дотсент ва мудири кафедраи психологияи ДДОТ (1971 – 98). Аз с. 1998 мудири кафедраи методикаи таълими забони англисии донишгоҳи номбурда. А. оид ба имкониятҳои психологии мактаббачагони хурдсол, асосҳои илмию педагогии ташаккули касбии омӯзгорони забони англисӣ, методикаи таълими забони англисӣ дар шароити ислоҳоти мактаби таҳсилоти умумӣ ва олӣ тадқиқот мебарад. Соли 1974 дар мавзӯи «Имкониятҳои психологии мактабиёни хурдсол дар ҳалли масъалаҳои проблемӣ» рисолаи номзадӣ ва с. 2009 дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Муаллифи 10 монография, васоити таълимӣ, дастурҳои таълимию методӣ, 6 барномаи таълимӣ ва зиёда аз 130 мақолаҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавӣ. Дар анҷуманҳои равоншиносони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, чандин конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст. А. ҷонишини раиси Анҷумани равоншиносони Тоҷикистон, узви Анҷумани америкоии таълими забони англисӣ бо намояндагони забонҳои дигар, Анҷумани славяномӯзии Америка, Ҷамъияти америкоии омӯзиши проблемаҳои Европа ва Осиёи Марказӣ, узви Шӯрои олимон ва Шӯрои иллмию методии ДДОТ, узви ҳайати таҳририяи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мебошад. Бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.

Ос.: Омӯхтани психологияи мактабиён (дастури методӣ барои донишҷӯён), Д., 1985; Психолого-педагогические вопросы профессионального становления студентов педагогического вуза, Д., 1990; Талаботи давлатӣ оид ба мундарича ва зинаҳои тайёр намудани бакалавр аз рӯйи ихтисоси филологияи забони англисӣ (дастури методии таълимӣ), Д., 2000; Основы практической психологии образования (учебно-методическое пособие), Д., 2004; Научно-педагогические основы развития профессиональной компетенции будущих учителей иностранного языка, Д., 2008; Состояние функционирования иностранного языка и подготовки педагогических кадров в Республике Таджикистан, Д., 2009. *М. Маҳмудов.*

АЛИЗАРИ́Н, навъе аз моддаҳои рангубор. Кристалли норанҷии сурхтоб, ҳарор. гудозиш 289°С. Дар об бад, дар спирти этил беҳтар, дар бензол, кислотаи атсетат ва ишқор нағз ҳал мешавад. А. дар решаи рӯян (Rubia tinctorium) дар намуди гликозид (кислотаи рубэритрин) вуҷуд дорад. Аз гликозиди мазкур А. дар натиҷаи гидролиз ҳосил карда шудааст. Сохтори А.-ро с. 1869 олимони немис К. Гребе ва К. Т. Либерман муайян карданд. А. аввалин ранги табиист, ки дар натиҷаи бромонидани антрахинон ва бо ишқор гудохтани дибромантрахинони ҳосилгашта синтез карда шудааст. А. ба гурӯҳи рангҳои антрахинонӣ мансуб аст. Бо намакҳои баъзе металлҳои сервалента пайвастҳои комплексии рангнок – лок ҳосил мекунад, мас., бо намакҳои алюминий ранги сурхи равшан, оҳан – ранги бунафш, хром – ранги ҷигарӣ ва ғ. Локи алюминийи А. (краплак)-ро барои тайёр кардани рангҳои рассомӣ ва дар соҳаи полиграфия кор мефармоянд. Дар Ин-ти химияи АИ ҶТ бо истифодаи ҳосилаҳои А. усули олкории нах ва плёнкаи поливинилӣ дарёфт шудааст, ки ранги ашёро ба таъсироти беруна устувор мекунад.

Ад.: Неницеску К. Д., Органическая химия, т. II, М., 1963; Каррер П., Курс органической химии, Л., 1962; Несмеянов А. Н., Несмеянов Н. А., Начало органической химии, т. II, М., 1970; Смич В., Бочков А., Кейпл Р., Органический синтез, М., 2001. *М. Самиев.*

АЛИЗОДА́ Зариф (тав. 5. 5. 1962, ноҳ. Колхозобод), ҳуқуқшинос, Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи факти ҳуқуқшиносии УДТ (1984). Ассистенти кафедраи назария, таърихи давлат ва ҳуқуқи УДТ (1984 – 86), коромӯз ва аспиранти Пажӯҳишгоҳи давлат ва ҳуқуқи АИ СССР (1986 – 90), мушовир – сармутахассиси Комитет оид ба қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсони Шӯрои Олии ҶТ (1990 – 93), раиси Комитети назорати конститутсионии ҶТ (1993 – 95), муовини раиси Суди конститутсионии ҶТ (1995 – 2000) ва ҳамзамон узви Комиссияи оштии миллӣ (1997 – 2000), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ (2000 – 01), сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти ҶТ (2001 – 03), раиси Суди конститутсионии ҶТ (2003 – 06), мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – Намояндаи комилҳуқуқи Президенти ҶТ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ (2006 – 09). Аз с. 2009 ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ. А. беш аз 50 таълифот оид ба масоили мухталифи ҳуқуқӣ дорад. Бо ордени Дӯстӣ қадр гардидааст.

Ос.: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Д., 1999; Қонуни асосӣ: таърих ва замони муосир, Д., 2000; Асосҳои давлатдории навин, Д., 2003; Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ), Д., 2004; Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи ваколат оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Д., 2009.

АЛИЗОДА Сайидризо (1887, Самарқанд – 1938), рӯзноманигор (журналист), забоншинос ва тарҷумони тоҷик. Таҳсили ибтидоиро дар назди падараш гирифта, баъдан дар мактаби ҷадид, ки дар оғози а. 20

таъсис ёфта буд, таҳсил кард. Муаллими мактаби ҷадид, ҳуруфчин ва мусаҳҳеҳи бахши тоҷикии нашрияҳои М. *Беҳбудӣ* «Самарқанд» ва «Оина» (1913 – 15), муҳаррири г. «Шӯълаи инқилоб» (1919 – 21), котиби масъули г. «*Овози тоҷик*», муҳаррири шӯъбаи самарқандии Нашриёти авлатии Тоҷикистон, муаллими фанҳои забони арабӣ, форсӣ ва тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1933 – 37) буд. Фаъолияти А. чун рӯзноманигор-публитсист дар газетаи «Бухорои Шариф» оғоз ёфтааст. Дар нашрияҳои Беҳбудӣ оид ба масоили мактабу маориф, танзими расму одат, ислоҳоти ҷомеа мақолаҳо ба табъ мерасонд, мардумро ба илму маърифат даъват мекард. Дар г. «Шӯълаи инқилоб» аксар мақолаҳоро, ки ба мавзӯъҳои рӯзмарраи он замон тааллуқ доштанд – иттиҳоди ранҷбарон, сохтмони ҷомеаи нав, озодии занон, мазаммати аҳли хурофот, порахӯрӣ ва ғ-ро худи А. таълиф менамуд. Умуман, А. дар матбуоти даврии с-ҳои 20 а. 20 хеле фаъол буд. Бо имзоҳои мустаори «Ситамдида», «Коргар», «Ранҷбар», «Нештар», «Муште ғоиб», «Занбӯр», «Муртад», «Чарандгӯй», «М. Ҷ.» ва ғ. ҳикояву ҳаҷвияҳо дар шакли луғат, муаммо, чистон ба табъ мерасонд. А. забонҳои арабӣ, русӣ, франсавӣ, арманӣ, ӯзбекӣ, туркӣ, тоторӣ, озарӣ, курдиро хуб медонист. Китобҳои дарсии таълифнамудааш «Дабистони тоҷик», «Китоби нахустин» (1920; чун алифбои аввалини тоҷикӣ эътироф шудааст), «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1926), «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и дар ду ҷилд мураттабсохтааш (1933 – 34) гувоҳи онанд, ки ӯ омӯзгору забоншиноси варзида будааст. А. асарҳои А. С. Пушкин, Н. Островский ва А. Қодириро ба тоҷикӣ гардонидааст.

Ос.: Маслаки мо ҳақ, Д., 2007.

Ад.: Атобуллоев С., Сайидризо Ализода, Д., 1976; Гулмуродзода П., Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон, Д., 2006. *П. Гулмуродзода.*

АЛИ́И БАДАХШӢ Мирзоалӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Пас аз касби камол аз зодгоҳаш Бадахшон ба Ҳиндустон сафар кард ва ба хидмати дарбори *Акбар* роҳ ёфт. Муншӣ буд. Тазкиранависон, аз ҷумла Ҳусайнқулихони Азимободӣ («Нештари ишқ») аз ӯ чун шоири хушбаён ёд кардаанд. Дар анвои гуногуни шеър, махсусан, қасидаву рубоӣ асарҳо офаридааст. Ин байт аз ӯст:

Гар мӯнису ҳамдаме гаҳе доштаме,
З-ӯ чораи марҳаме даме доштаме.

Ад.: Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, кит. 3, Д., 1983. *У. Назиров.*

АЛИ́И БАДАХШОНӢ, маъруф ба Қотеъ Мавлоно Бадр (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва хушнависи тоҷик (ох. а. 15 ва ибт. а. 16). Аслан Бадахшонист. Дертар ба Эрон муҳоҷират намуда, то ох. умр дар Машҳад зиста ва ҳамон ҷо фавтидааст. Тибқи маълумоти Қозӣ Аҳмад А. Б. зиндагии сода ва дарвешонае дош тааст. Ҳунари хаттотиро дар овони ҷавонӣ омӯхта ва зуд шӯҳрат ёфтааст. Дар навиштани анвои хати арабӣ маҳорати тамом доштааст. Бино ба маълумоти Қозӣ Аҳмад («Гулистони ҳунар») А. Б. дар хушнависӣ ба пояи устод *Миралии Ҳиравӣ* расида, дар хати онҳо фарқияте дида намешуд. Мутаассифона, намунае аз китобатҳои А. Б. то замони мо нарасидааст.

Ад.: Казиахмед, Трактат о каллиграфах и художниках, М. – Л., 1947; Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Д., 1988. *Л. Бойматов.*

АЛИ́И БАРМАКӢ, маъруф ба Ал-Бармакӣ (878, Бармаки Хуросон – 931, Бағдод), мусиқишинос, машшоқ ва оҳангсози форсу тоҷик. Бино ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ («Ятимат-уд-даҳр»-и Абумансури Саолибӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Маҳмуди Гардезӣ) А. Б. дар зодгоҳаш Хуросон илмҳои бадеъ, мусиқиро омӯхтааст. Дар таҳлилу тадқиқ ва назарияи мусиқӣ дониши тамом пайдо карда, шӯҳрататаш то Бағдод расид ва ӯро ба дарбор даъват намуданд. Муддате дар дарбори халифа Муқтадир хизмат карда, сарварии дастаи калони мусиқинавозонро ба ӯҳда доштааст. Дар мусиқӣ равияи Иброҳими Мавсилӣ, *Исҳоқи Мавсилӣ, Ҳамиди Мавсилӣ* ва дигар машшоқону мусиқидононро, ки анъанаҳои мусиқии мардумони форсу тоҷикро дар Бағдод ва дигар шаҳрҳои араб тарғиб менамуданд, такмил медиҳад. А. Б. назарияи илмии пайравони сабки мусиқии Бағдодро, ки ба санъати мусиқии форсиён асос ёфта буд, дар асарҳояш «Китоб-ут-танбӯрин», «Китоб-ун-нудамо» такмил дода, заминаи устувори созҳо, аз ҷумла танбӯри хуросонӣ, моваруннаҳрӣ, барбат ва имконияти бойи ичрокунандагии онҳоро собит намуд. А. Б. дар осораш ақоиди космогонии юнониёнро, ки бар овозҳои мусиқӣ асос ёфтани ҳастии оламро талқин менамуданд, ғайриҳаётӣ шуморидааст. Рисолаҳои «Китоб-ут-танбӯрин» ва «Китоб-ун-нудамо» дар пешрафти анъанаҳои мусиқии мардуми форсу тоҷик ҳиссаи арзанда доранд.

Ад.: Раджабов А., К истокам музыкальной культуры таджиков в IX – X вв., дар кит. Абу Али ибн Сино и его эпоха, Д., 1980; Рачабзода А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008. *А. Рачабов.*

АЛИ́И КОРМА́Л (1479, Марв – 1540, Ҳирот), оҳангсоз, сароянда, навозанда ва мусиқидони тоҷик. Бино ба косиби дӯзанда буданаш мардум ба ӯ лақаби «Устоди ҷомабур»-ро додаанд. Дар санъати тарроҳӣ низ номдор будааст. А. К. дар санъати мусиқӣ истеъдоди комил дошта, бо бузургтарин аҳли созу овоз мусобиқаи ҳунарӣ мекардааст. Аз ҷумла ба осори Устод Шодӣ назираҳои рангин навиштааст, ки «Нақши Дарвешӣ», «Пешрави Сияҳчашмон» (бар усули «Барафшон» ба мақоми «Рост», ғазали Ҷомӣ), «Амали Фаришта» (бар усули «Мухаммас» ба мақоми «Ҳусайнӣ», ғазали Ҳофиз) аз намунаҳои беҳтаринанд. Инчунин А. К. бахшида ба устодаш – Устод Шодӣ дар шаклҳои «Нақш», «Кор», «Савт», «Амал», «Қавл», «Пешрав» ва ғ. асарҳои созию овозӣ тасниф кардааст. Дар навбати худ, устодаш низ «Моҳи Ҳилол» ном асарашро ба ӯ бахшидааст. А. К. махсусан ба мақомҳои машҳури «Ҳиҷоз», «Бӯсалик», «Исфаҳон» асарҳо навиштааст, ки писанди аҳли мусиқӣ буданд.

Ад.: Классические традиции музыкальной культуры эпохи Бехзода, дар кит. Камолиддин Бехзод и актуальные проблемы культуры народов Центральной Азии, Д., 2002. *А. Рачабов.*

АЛИ́И КӮЧАКИ ТАНБӮРӢ, машшоқ, оҳангсоз ва ҳофизи тоҷику форс (ох. а. 15 – авв. а. 16). Зодгоҳаш Самарқанд. Дар навохтани танбӯр, уд, чанг ва ғ. маҳорати том доштааст. Чандин асари мусиқӣ аз қабили «Савт», «Амал», «Кор», «Пешрав», «Тарона», «Нақш» ба мақомҳои «Ҳиҷоз», «Дугоҳ» ва «Исфаҳон» эҷод кардааст. *А. Рачабов.*

АЛИ́И ҚУШЧӢ (тахал.)**,** Мавлоно Алоуддин Алӣ ибни Муҳаммад Қушчии Самарқандӣ (1403, Самарқанд – 1474, Истанбул), мунаҷҷим, олим ва мутафаккири номӣ, яке аз бузургтарин намояндаи мактаби илмии Самарқанд. Писари сарвари қароргоҳи амир Темур. Дар саройи Улуғбек ба парвариши бозҳо (қушҳо) машғул буд, ки тахал. «Қушчӣ» аз ҳамин ҷост. Маълумоти ибтидоиро дар Самарқанд гирифта, сипас, дар Кирмон (1414) илми замонааш, хусусан фанҳои табииро 3 сол омӯхт. Соли 1417 ба Самарқанд баргашта, ба мадрасае, ки Улуғбек таъсис дода буд, дохил шуд ва шогирди Қозизодаи Румӣ ва Ғиёсиддини Кошӣ буд. Пас аз хатми мадраса дар ҳамон ҷо дарс гуф-

та, бо корҳои илмӣ машғул гардид. Дар ҳамин давра «Рисолаи ҳисоб» ва «Рисолаи нуҷум»-ро навишта, дар байни аҳли илми замонааш обрӯву эътибори калон пайдо кард. Баъди ба кор даромадани расадхонаи Улуғбек (1428) таҳти роҳбарии ӯ тадқиқот бурд ва асарҳои нав эъҷод кард. Дар таълифи асари Улуғбек «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» саҳми калон дорад. Соли 1438 Улуғбек А. Қ.-ро ба Хитой сафир таъйин кард. Баъди таназзули мактаби илмии Самарқанд А. Қ. осори илмии олимони ин расадхонаро ба Хуросон бурд. Пас аз қатли Улуғбек (1449) А. Қ. ба Кирмон рафт. Дар он ҷо ба дарбор даъват шуда, дар мадраса низ аз нуҷум ва риёзиёт дарс мегӯяд. А. Қ. дар Эрон мактаби илмӣ ташкил дода, анъанаҳои мактаби илмии Самарқандро давом медиҳад. Баъди ба Табрез кӯчидани пойтахти мамлакат (1465) султон Ҳасанбек ӯро ба Туркия ба дарбори султон Муҳаммади II сафири мухтор таъйин намуд. Дар Туркия А. Қ. баробари анҷоми вазифаи давлатӣ ба навиштани осори илмӣ пардохт. Дар ин ҷо А. Қ. «Китоб-ул-Муҳаммадия» ном рисола таълиф кард (1473) ва дар асоси қазияҳои (теорема) ҳандасӣ «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ»-ро шарҳ дод. Дар ин асараш ӯ формулаи *биноми Ниютонро* овардааст.

А. Қ. дар рисолаҳои худ ақидаҳои илмии *Абулвафои Бузҷонӣ*, Ҷамшеди Кошонӣ, *Фарғонӣ, Абурайҳони Берунӣ*, *Ибни Сино*, *Насируддини Тусӣ* ва дигаронро идома дода, махсусан дар соҳаи фалсафа, мантиқ, риёзиёт, ҳайъат, ҷуғрофия ва ғ. тадқиқоти зиёде ба анҷом расондааст. «Рисола алмӯъчаз фӣ-т-тиб», «Рисолаи мантиқ», «Рисолаи ҳисоб», «Ҳайати форсӣ» аз ҷумлаи онҳоанд. А. Қ. дар ҳалли масъалаи асосии фалсафа мисли пешгузаштагонаш оламро офаридашуда пиндошта, дар «Рисолаи мантиқ» навиштааст, ки «…олам мутағаййир аст ва ҳар чӣ мутағаййир аст, ҳодис аст. Пас олам ҳодис аст». Вале ин ҷиҳати таълимоти идеалистии А. Қ.-ро дар афкори табиию илмиаш пайдо кардан душвор аст. А. Қ. дар масъалаҳои муайян намудани мавқеи ҷисм, ҳаракати ҷисмҳои моддӣ ва намудҳои он, ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ ва як қатор дигар масъалаҳои илми ҳайат нуқтаи назари материалистӣ дошт. Ӯ оламро ба ду қисм – коинот ва олами моддӣ тақсим намуда, охириро аз ҷаҳор унсур пайдошуда меҳисобад ва мӯътақид буд, ки дар натиҷаи ба ҳам пайваст шудани унсурҳои мазкур ашё ва олами моддӣ ба вуҷуд меоянд. Ба ақидаи ӯ олами моддӣ аз олами ҷамодӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ иборат буда, байни онҳо алоқаи узвӣ мавҷуд аст. А. Қ. ҷавҳар ва аразро категорияҳои асосии ҳастӣ мешуморид. Роҷеъ ба назарияи маърифат бошад, ӯ нақши ҳис ва ақлро дар ҷараёни дониш қайд карда, ягонагии онҳоро махсусан зикр намудааст.

Саҳми А. Қ. дар инкишофи математика ва астрономияи а. 15 – 17-и Осиёи Марказӣ калон аст. Ӯ бори нахуст дар «Китоб-ул-Муҳаммадия» ва «Рисолаи кусур» дар алгебра мафҳуми ададди манфиро дохил кард, назарияи функсияҳои тригонометриро инкишоф дод (теоремаҳои синус ва косинус), аввалин шуда ҷадвали бисёррақамаи функсияҳои тригонометриро таҳия кард. А. Қ. бузургии майли эклиптика (майли минтақат-ул-буруҷ), тағйири солонаи авҷи Офтоб, тадвири (пресессия) солона, координатаҳои ситорагонро саҳеҳ ҳисоб кардааст. Ӯ тағйири фаслҳои солро натиҷаи ба Офтоб наздик ва аз он дур шудани Замин медонист. Афкори табиию илмии А. Қ. нуқтаҳои муҳими назариявӣ ва таҷрибавию мушоҳидавии бисёр масъалаҳои астрономия, математика, физика ва дигар илмҳоро дар бар мегирад. Дар мактаби илмии Самарқанд А. Қ. бо Қозизодаи Румӣ ва Ғиёсуддини Кошӣ рисолаи «Зиҷи ҷадиди султонӣ»-ро тартиб доданд. Дар «Рисолаи ҳисоб»-и ӯ ададҳои бутуни арифметикӣ, масъалаҳои решаи квадратӣ муайян карда шуда, каср, ба миён омадани махраҷи умумӣ, тақсими ададҳои бутун ва касрӣ ва дигар мафҳумҳои геометриявӣ (нуқта, хат, сатҳ, ҷисм), ки бевосита барои муҳосиботи математикии натиҷаҳои мушоҳидаҳои расадхона истифода мебурданд, баррасӣ шудаанд. Дар «Рисолаи ҳайъат» А. Қ. заминро курашакл дониста, қайд мекунад, ки қисми зиёди онро об ишғол карда, фақат аз чаҳор як қисми онро хушкӣ

Ҷадвали қиматҳои функсияҳои тригонометрӣ, ки Алии Қушчӣ тартиб додааст.

Дарҷаи камон	Қиматҳои синуси Алии Қушчӣ	Қиматҳои ҷадвали ҳозира	Фарқият
53°	0,79836	0,79864	± 0,00028
54°	0,80902	0,80902	-
55°	0,81915	0,81915	-
56°	0,82904	0,82904	-
57°	0,83864	0,83864	-

ташкил медиҳад. Дар муайян намудани маркази коинот А. Қ. аз назарияи геомарказии Батлимус (Птолемей) комилан озод шуда натавонист, вале бино ба маълумоти муҳаққиқон, дар баъзе бобҳои «Ҳайъати форсӣ»-и ӯ ғояи назарияи гелиомарказиро мушоҳида намудан мумкин аст. А. Қ. дар масъалаи тақвим низ назарияҳои ҷолиб изҳор кардааст.

Аз осори А. Қ. ба забони форсӣ ва арабӣ 23 рисола доир ба астрономия, математика, мантиқу фалсафа, тибу адабиёт боқӣ мондааст, ки дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ («Рисолаи ҳисоб»), дар Санкт-Петербург, Тошкент, Теҳрон, Лейден (Норвегия) маҳфузанд.

Ад.: Бартольд В.В., Улугбек и его время, т. 2, М., 1964; Кары-Ниязов Т. Н., Астрономическая школа Улугбека, М.– Л., 1950; Собиров Г., Творческое содружество ученых Средней Азии в Самаркандской научной школе Улугбека, Д., 1973.

А. Комилӣ.

АЛИ́И МУҲАММАДИ́И ХУРОСОНӢ (тав. 29. 10. 1950, деҳаи Нигноти ноҳ. Панҷакент), адабиётшинос-шарқшинос ва шоири тоҷик. Хатмкардаи УДТ (1972). Пас аз хатми таҳсил корманди илмии Институти шарқшиносии АИ ҶТ. Аз с. 2000 мудири Шӯъбаи матншиносии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хатии АИ ҶТ. А. дар баҳши таҳқиқу адабиётшиносӣ, танқиди адабӣ, ба чоп омода сохтани матни осори гузаштагон, инчунин таълифи осори бадеӣ (шеърҳо) фаъолият менамояд. Ба қалами ӯ беш аз 150 асар, аз он ҷумла китобу монографияҳо, мақолаҳои илмии дар нашрияҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Покистон, Туркия, Россия, Ӯзбекистон батабърасида тааллуқ доранд. Барои рисолаи «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» (Т., бидуни соли нашр; ҳамроҳи Ҷ. Назрӣ) ба гирифтани Ҷоизаи Ин-ти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Душанбе ба номи Афсаҳзод мушарраф гардид (2003). Маҷмӯаи мақолаҳояш «Меҳру муштарӣ» (2010) ба масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти классикии форс-тоҷик бахшида шудааст. Дар китобҳои таҳиянамуда ва мураттабнамудааш («Гулшани адаб», 1980; «Шоирони Моваруннаҳр»,



2006) ҳунари ӯ чун муҳаққиқ ва матншинос зоҳир гардидааст. Соли 2008 ба муносибати 1150-солагии Рӯдакӣ матни таҳиянамудаи А. «Девони ашъор»-и Рӯдакӣ ба табъ расид. А. матншиноси серкору пухтакор мебошад. Ӯ матнҳои «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ (1987), «Соати саъд»-и Мирзолатиф Раҳимзода (1997), «Илоҳинома»-и Аттор (2000), «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ (2001; ҳамроҳи Б. Ализода). «Гузидаи ғазалиёт»-и Маҷнуни Зарободӣ (2002), «Муфоиз-ул-анвор ва девони ашъор»-и Абулҳайи Муҷихарфӣ (ҳамроҳи Бӯрӣ Карим; М., 2003), «Ҳазору як андарз»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз «Гаршоспнома»-и Асадии Тусӣ, «Куллиёти форсӣ»-и Муҳаммад Иқбол (ҳар се 2007), «Панднома. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо»-и Аттор (2008), «Девони Кабир»-и Ҷалолуддини Румиро (2007 – 09) бо муқаддимаҳои муфассали илмӣ, шарҳҳову тавзеҳоти муфид дар чор ҷилд омода карда, ба табъ расондааст. Бо роҳбарии А. чор нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд. А. аз с. 2002 котиби масъули «Ахбори АИ ҶТ. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ» мебошад. Маҷмӯаҳои ашъори А. бо номҳои «Чашмаи нӯш» (1997), «Майи гулгун» (2002), «Насими тавҳид» (2004), «Вусъати ишқ» (2009) ва «Шукуфаҳои сабзи баҳор» (2010) чоп шудаанд. Мавзӯъҳои ашъораш ишқу муҳаббат, меҳри Ватан, тараннуми ваҳдату ягонагии мардуми Тоҷикистон ва ғ. мебошад. Ӯ шоирест, ки «илмро бо шеър ва шеърро бо илм мепайвандад» (Р. Ҳодизода). Шеърҳояш дар Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Россия дастраси хонандагон гардидаанд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1999.

М. Диловаров.

АЛӢИИ НАСАФӢ (с. тав. ваф. номаълум), меъмори форс-тоҷик (а. 14). Дар Насаф (Қаршии имрӯза) ба камол расидааст. Яке аз меъморони мақбараҳои ансамбли *Шоҳи Зиндаи* Самарқанд. Ин меъморӣ бо иштироки А. Н. дар давоми с-ҳои 80 а. 14 сохта шудааст. Дигар осори меъмории ӯ то замони мо нарасидааст.

АЛӢИИ НАҶҶӮР Абулҳасан (с. тав. ваф. номаълум), наҷҷори тоҷикфорс (а. 12). Яке аз устодони забардасти санъати наҷҷории (дуредгарии) давраш ба шумор мерафт. Зодгоҳаш деҳаи Малҳами Озарбойҷон аст. Падари шоир *Хоҷонӣ*. Ороиш ва нақшу нигори бисёре аз сақфу пештоқи хонаву айвонҳо, сутунҳо, дару дарвозаи мадрасаву масҷидҳои диёраш амали ӯст. Хоҷонӣ дар як қасида ва маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» санъат, ҳунар ва маҳорати наҷҷории падарашро васф кардааст:

Сонеи зарринамал, пири саноат Алӣ,
К-аз Яди Байзо гузашт дасти амалрони ӯ.
Шайхи муҳандислақаб пири дуредгар Алӣ,
К-Озару Уқлидусанд оҷизи бурҳони ӯ.

А. Нуров.

АЛӢИ РАЗАВӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар Хуросон ба дунё омада, ба синни камолот расидаст. Сипас, боқии умрашро дар Исфаҳон гузаронд. Малеҳои Самарқандӣ дар *«Музаккир-ул-асҳоб»* аз ӯ чун шоири дорои табъи салим, шеърҳои пурмазмуну мавзун, маъниҳои бикру баланд ёдовар шудааст. Дар шеър ба *Шавкати Бухоро*ӣ пайравӣ мекардааст. Намунаҳои ашъораш ба воситаи тазкираҳо (мас. дар «Музакир-ул-асҳоб» 16 байт) то замони мо расидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Оҳи ман охир ба васли муддаое мерасад,
Аз сари дил ҳар кӣ мехезад, ба ҷое мерасад.

* * *

Дар синаам афрӯхта ҳичрони ту доғе,
К-аз гармии он шӯъла бувад дуди чароғе.
Наққоши парихонаи тасвири ту нагзошт,
Ранге ба рухе, бӯ ба гуле, май ба аёғе.

Ад.: Тазкират-уш-шуарои Малеҳои Самарқандӣ, Д., 1385 ҳ. ш. *У. Назиров.*

АЛӢИ ТИРМИЗӢ Ҳакими Тирмизӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, мутафаккири мутасаввифи форс-тоҷик (а. 9). Фаридуддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» А. Т.-ро чун шахси донишманду хушфазилат ва «дар фунуну улум комил» тавсиф намудааст. Ба шарофати фазлу дониш унвони «Ҳакимулавлиё» гирифта буд. А. Т. ба сабки рубоиёти халқӣ рубоиҳо эҷод кардааст. Аз баски рубоиёти аксар шоирони мутасаввиф ба ҳамин сабк аст, рубоиёти А. Т. ҳам бо ашъори шоирони дигар омехта шудаанд ва аз онҳо рубоиёти ба ӯ тааллуқдоштаро ҷудо кардан душвор аст. Ба қалами А. Т. инчунин рисолаҳои динию ирфонӣ тааллуқ доранд. Рисолаҳои мазкур шомили пораҳоеанд, ки ақидаҳову андешаҳои пандуахлоқӣ, андарзиву ҳакимонаро дар бар мегиранд. Дар ш. Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мақбараи А. Т. барҷост, ки чун ёдгории таърихӣ дар муҳофизати давлат аст. *А. Абдуллоев.*

АЛӢИ ТОРОБӢ (тав. номаълум, Тороб – қатл 1238, Бухоро), яке аз раҳбарон ва фаъолони *Шӯриши Маҳмуди Торобӣ* ва яке аз ду бародарони Маҳмуди Торобӣ. Дар бораи зиндагии А. Т. иттилооти кофӣ нест. Ягона манбае, номи ӯро ба унвони сарвари шӯриш ва идомадиҳандаи Маҳмуди Торобӣ зикр мекунад, китоби «Таърихи ҷаҳонкушо»-и *Ҷувайнӣ* аст. Амалу андешаи А. Т. ва бародари ӯ Муҳаммад дар тамомии давраи шӯриши Торобӣ ҳамроҳи бародарашон Маҳмуди Торобӣ буданд. Ҷувайнӣ менависад, ки А. Т. ва бародараш Муҳаммад сабабгори асосии шикасти сипоҳи муғул дар ҷанги дашти Кармина будаанд. Пас аз марги Маҳмуди Торобӣ А. Т. ва бародараш Муҳаммади Торобӣ ҳарчанд саъй мекарданд хостаҳои мардум ва орзуву омоли бародарашонро амалӣ созанд, вале натавонистанд, зеро ҳукумати марказии давлати муғул бо фармони Чағатой ва Маҳмуди Ялавоч барои комилан пахш намудани Шӯриши Маҳмуди Торобӣ ба воситаи умарои ҷангозмудаи муғул Элдиз-Нуйин ва Чакин-Қӯрчӣ бо лашкари анбӯҳе ба Бухоро рафт ва шӯришчиён дар ин набарди нобаробари хуношом шикаст хӯрданд; ба қавли Ҷувайнӣ «… дар ҳади бист ҳазор мардум дар ин навбат бикуштанд…» ва гурӯҳе фирор карданд. Бо ҳамин қиёми Маҳмуди Торобӣ ва фаъолияти низомии А. Т. қатъ гардид. Бародарон А. Т. ва Муҳаммад дар диловарӣ, шуҷоат ва муқовимат дар баробари сипоҳи муғул аз Маҳмуди Торобӣ шоистагиҳои камтаре надоштанд. Дар бораи ҷойгоҳи бародарон А. Т. ва Муҳаммад метавон гуфт, ки он ду монанди бародарашон *Маҳмуди Торобӣ* дар назари мардум азиз буданд. Онон ба унвони раҳбарони сиёсӣ ва мазҳабии қиёми мардуми Бухоро аз оғоз то анҷоми қиём аз хостаҳои худ даст накашиданд, барои амалӣ гардондани мақсади худ, ки ҳамоно дифоъ аз ойини ислом ва диёнати он дар баробари душманони мазҳабӣ ва сиёсӣ буд, ба мубориза пардохтанд ва саранҷом дар ин набардҳо ва дар роҳи ин ормону ҳадафҳои нек ҷонашонро фидо карданд. *Л. Бойматов.*

АЛӢИ ҲАМАДОНӢ Мир Сайидалӣ ибни Шиҳобуддин Муҳаммади Ҳамадонӣ маъруф ба Суфӣ, Мири Кабир, Шоҳи Ҳамадон ва мулаққаб ба Алии Сонӣ ва Сиёҳпӯш (1314, Ҳамадон – 1384, Кабравсавод, қабраш дар Кӯлоб), мутафаккири мутасаввифи тоҷику форс. Дар оилаи фозилу донишманд таваллуд шудааст. Таҳсилро дар назди тағояш Сайид Алоуддавла ва муаллими хусусӣ оғоз намуда, баъди 12-солагӣ таҳти роҳбарии Шарофуддин Маҳмуд ибни

Абдуллоҳи Маздақонӣ ва Тақиуддин Алии Дӯстӣ идома дод. Ӯ дар ҷавонӣ аксари улуми замона, аз ҷумла адабиёт, забони арабӣ, ҷуғрофия, таърих, тиб, фалсафа, ахлоқ, тасаввуф ва адабро аз бар намуд. Баъди таҳсил 21 сол аксар шаҳрҳои исломиро сайр кард. Бино ба маълумоти Муҳаммадалии Табрезӣ («Тароиқ ул-ҳақоиқ») ва Абдурраҳмони Ҷомӣ («Нафаҳот-ул-унс») А. Ҳ. ҳангоми саёҳаташ бо бисёр намояндагони аҳли илму адаб мулоқот кардааст. Дар 40-солагӣ хонадор шудааст. А. Ҳ. ду писар дошт, ки яке аз онҳо – Мир Саидмуҳаммади Ҳамадонӣ асаре бо номи «Ҷомеъ-ул-улум ва қомеъ-уз-зунун»-ро таълиф кардааст. Баъзан асари мазкурро саҳван ба падараш нисбат медиҳанд. А. Ҳ. то с. 1379 ба таълифи асарҳои илмию фалсафӣ, адабӣ ва тарбияи шогирдон машғул шуда, сипас азми Ҳиндустон кард. Дар сафараш ӯро хешу табор, шогирдону дӯстон ҳамроҳӣ мекарданд. Баъди ӯ писараш низ ба дӯстону мухлисон ва пайравони зиёдаш ба Кашмир рафта буд. Таъсири А. Ҳ. ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва илмию адабии Ҳиндустони а. 14 зиёд аст. Нуфузи А. Ҳ. ба дараҷае будааст, ки ҳокимони маҳаллӣ ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои давлатӣ мувофиқи маслиҳати ӯ амал менамудаанд. Таъсиру нуфузи А. Ҳ. алалхусус дар музофоти Кашмир зиёд аст. Ба қавле «Шоҳи Ҳамадон ва ҳамроҳон… ҳунару фарҳанг ва санъату забони ширин ва назми намакини порсиро ҳам бо худ ба армуғон бурданд ва ба мардуми Кашмир супурданд» (Алии Истахрӣ, Усули тасаввуф, Т., 1960). А. Ҳ. дар Кашмир ва музофоти он 5 сол истиқомат намуда, с. 1384 ҳангоми бозгашт ба ватан вафот кард. Ӯро мувофиқи васияташ дар Хуталон (Кӯлоби ҳозира) ба хок супурданд. Писарашро низ дар шафати ӯ с. 1407 дафн намуданд. Дар а. 15 он ҷо мақбарае бунёд кардаанд, ки то ҳол мавҷуд аст. Мероси илмию фалсафии А. Ҳ. бисёр аст. Аз ӯ зиёда аз 70 асари гуногун дар мавзӯъҳои мухталиф боқӣ мондаанд, ки дар китобхонаҳои машҳури дунё, аз ҷумла Душанбе, Ленинград, Тошкент, Эрон, Кобул, Покистон, Шветсия, Англия маҳфузанд. Асарҳои А. Ҳ. «Захират-ул-мулук», «Рисолаи дарвешия», «Рисолаи ақлия», «Одоб-ул-машоих», «Ақраб-ут-тариқ», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи футувват», «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Рисолаи нафсия», «Макорим-ул-ахлоқ», «Чиҳил мақоми суфия», «Рисолаи вуҷудия», «Даҳ қоидаи суфия», «Истилоҳоти суфия» ва ғ. ғолибан ба мавзӯъҳои тасаввуф, фалсафа ва ахлоқ бахшида шудаанд. Дар асарҳои А. Ҳ. нақши таълимоти Ғазолӣ, Аттор ва Ибни Арабӣ ҳувайдост. А. Ҳ. асарҳояшро ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ эҷод кардааст.

А. Ҳ. масъалаи асосии фалсафаро аз лиҳози «ваҳдати вуҷуд» ҳал намудааст. Мас., ӯ менависад: «вуҷуди мутлақ яке беш нест ва он вуҷуди Ҳақ аст, ки вуҷуди ҷомеи мавҷудот ба-д-он… мунтаҳо мешавад. Ва он … мунтаҳои ҳама аст» («Ҳалли фусус-ул-ҳикам»). А. Ҳ. ин масъалаи ирфониро аз мавқеи монотеизм таҳлил намуда, ваҳдати ҷавҳарии табиату худоро пазируфтааст. Дар таълимоти А. Ҳ. моҳияти пантеистӣ тамоюли асосии мафкуравиро ташкил медиҳад, зеро мутафаккир Худою табиатро ба сифати мабдаъҳои мустақили табиатан мухталиф эътироф надорад. Мабдаи ҳақиқӣ Худо ва ғайриҳақиқӣ табиат аст. Табиат моҳиятан дар фитрати Худо вуҷуд дорад. Онҳо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Худо табиат ва табиат Худо аст. Ӯ ин фикри худро чунин тасдиқ мекунад: «ҳар чӣ ҳаст аз маҳсус ва маъқул он вуҷуди худост… Пас ҳар чӣ мавҷуд бошад он вуҷуди Худо бошад» («Кашф-ул-ҳақоиқ»). Мувофиқи таълимоти суфиёнаи А. Ҳ. ваҳдат (Худо) ба туфайли судур ба касрат табдил меёбад, намудор ва мавриди мушоҳида мегардад. Таҷаллӣ ва судур як чиҳати ҷараёни диалектикии нузул ва суудро фаро мегирад, зеро Худо ба тавассути нузул ба дараҷаи инсон ва инсон ба шарофати сууд ба мартабаи худоӣ мерасад.

Дар таълимоти тасаввуфии А. Ҳ. андешаҳо доир ба инсони комил мақоми хос дорад. Вай дар ҳастӣ интиҳои нузул ва дар маърифат мунтаҳои дарки ҳақиқат аст. Дар он ҳолати айнияти субъект ва объекти дониш, амсилаи комилу аълои шиноҳти ҳақ аз ҷиҳати эстетикӣ тимсоли зебоии мутлақ ва ғ. мушоҳида мешавад.

А Ҳ. маърифати вуҷудро қоил аст, аммо андешаҳои ӯ доир ба ҳастӣ ду ҷиҳатро моликанд: маърифати Худо ва табиат. Ба қавли А. Ҳ. табиат ҳамчун объекти маърифат берун ва новобаста аз субъекти дониш – инсон ҳамчун зинаи муайяни маротиби вуҷуд мавҷуд аст. Ба ин маънӣ назарияи маърифати А. Ҳ. тобиши материалистӣ дорад, вале ӯ дар маърифати ҳастии мутлақ нақши ҳиссу ақлро рад кардааст. Ӯ мегӯяд:

Ақлу ҷонро гирди зотат роҳ нест,
В-аз сифотат ҳеҷ кас огоҳ нест.

Ҳастии мутлақ танҳо ба воситаи ҳолатҳои фавқулҳиссӣ – ваҷд, мушоҳада, мукошафа, илҳом ва ғ. (ниг. *Тасаввуф*) шиноҳта мешавад.

А. Ҳ. дар ҳалли масъалаи маърифати ҳақ тарафдори таълимоти Аттор, Румӣ ва Ғазолӣ буда, дар маърифати табиат пайрави машшоиён – Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ аст. Бо вуҷуди эътирофи маърифати олам, таъйини нисбатан дурусти таносуби ақлу ҳис ва таъкиди дарёфти ҳадсӣ А. Ҳ. ба дараҷаи таъбири дурусти ҷараёни умумии дониш муваффақ нашудааст.

А. Ҳ. дар таълимоти иҷтимоию сиёсиаш тарафдори давлати истибдодӣ буд. Ӯ шоҳи одилу оқилро рукни асосии давлат шуморида, адолатро категорияи муҳими ҳаёти ҷомеа медонист. А. Ҳ. дар пайравии Ғазолӣ 10 усули давлатдориро пазируфтааст, ки дар онҳо талаботу таъминот, завқу хоҳиш, марому мақсад ва омолу орзуи халқ ба эътибор гирифта шудаанд.

Ахлоқ аз назари А. Ҳ. ҳамчун омили муайяни табдилу тағйири табиати аъзои ҷамъият мебошад. Ӯ чун пешгузаштагонаш ахлоқро ба ду қисм – ахлоқи ҳамида ва замима ҷудо менамояд. Ақидаҳои А. Ҳ. доир ба тарбия зиддиятноканд. Ӯ зимни эътирофи қобили тарбия будани шахсияти инсон ҳолатҳои аксро низ мепазирад. А. Ҳ. мухталиф будани гуфтору рафтор ва хулқу атвори одамонро дар тафовути фитрии табиати одамон, гуногунии манбаи анвои ахлоқ, таъсири муҳиту мусоҳиб ва хусусияти салтанати ҳукуматдорон мебинад. А. Ҳ. ҷараёни тарбия ва таълимро ба се марҳала тақсим менамояд, ки дар онҳо нақши падару модар, мураббӣ ва устоду муаллим бузург аст.

А. Ҳ. дар жанрҳои гуногуни адабӣ – маснавӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва ғ. асар эҷод намудааст, ки аксари онҳо хусусияти ирфонӣ доранд. Достонҳои «Ҳафт водӣ» (номҳои дигараш «Ихтиёроти амирия», «Маснавиёти амирия», «Маснавии Алӣ») дар пайравии «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор эҷод шудааст ва таълимоти ӯро доир ба *тариқат* фаро мегирад. Ғайр аз ин маснавӣ ӯ боз «Девони алоии Алӣ» ва маҷмӯаи ғазалиёт дорад. Дар ашъори лирикии А. Ҳ. баёни ҷиҳатҳои гуногуни таълимоти ирфонӣ печида тасвир шудаанд. Мероси илмию фалсафӣ ва адабии А. Ҳ. дар ташаккули ҷаҳонбинии олимону файласуфон ва адибони мин-

баъдаи тоҷику форс ва ҳинд, алалхусус Абдурраҳмони Ҷомӣ, Дониш ва Иқбол таъсир расондааст. Асарҳои А. Ҳ. ба забонҳои лотинӣ (Розен Мюллер, 1825), франсавӣ (Чарлз Солвет, 1829) ва ӯзбекӣ (тарҷумони номаълум) тарҷума ва нашр шудаанд.

Ад.: Дастнависи Шӯъбаи дастнависҳои Институти шарқшиносии АИ ҶТ ба номи А. Мирзоев, № 546. Султонов М., Ҳақиқат дар бораи мазори ҳазрати Амирҷон, Д., 1975; ҳамон муалл., Ҷаҳонбинии Алии Ҳамадонӣ, Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, 1976, № 2. *М. Султонов.*

АЛИ́ИИ ҲИРОТӢ (с. тав. номаълум – 1215, Ҳалаб), сайёҳ ва географи арабизабони форс-тоҷик. Аслан ҳиротист. Ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна борҳо саёҳат намуда, дар даврaҳои гуногун ба Миср, Арабистон, Байнаннаҳрайн, Эрон, Ҳиндустон, Рум, Ситсилия ва Фалас тин рафтааст. Аксари қайдҳои сафарии А. Ҳ. с. 1192, ҳангоми хусрони киштӣ дар соҳилҳои Сурия, назди ш. Акка нобуд шудаанд. Аз осори А. Ҳ. то замони мо ба забони арабӣ порчаҳои ҷудогона ва тарҷумаи комили «Китоб-ул-ишорат илал-маърифат-из-зиёрат» расидаанд. Дар осори А. Ҳ. жанри ёддоштию тарҷумаиҳолии «Кутуб-уз-зиёрат» ба жанри космографии адабиёти географии асримиёнагии «аҷоиб» алоқаманд гардонда шудааст. Муаррихони араб ва географҳои даврaҳои баъдина (Ибни Холликон, Ёқути Ҳамавӣ ва дигарон) асарҳои А. Ҳ.-ро васеъ истифода мебурданд. Аксари қайдҳои сафарии А. Ҳ. ҷанбаи ҳуҷҷатӣ дошта, ё дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ва ё дар заминаи ҳикояти шоҳидон тасвир шудаанд. Мас., с. 1175 ҳодисаи оташфишонии вулқони машҳури Этнаро (дар Ситсилия) аз рӯи ривоятҳо, юриши аҳли салибро (1173 – 74) ба Байтулмуқаддас аз мушоҳидаи худ тасвир кардааст. А. Ҳ. аз рӯи нақли шоҳидон ҷойҳои таърихии Мағриб ва Ҳабашистонро муфассал ба тасвир овардааст.

Ю. С. Малсев.

АЛИИ ШАТРАНҶӢ Хоҷа Деҳқон (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 12). Зодгоҳаш Самарқанд. Дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ аз ӯ чун шоири баркамол, аз зумраи маддоҳони «Оли хоқон» (ҳокимони қарохонии Самарқанд) ёд шудааст. Дар «Лубоб-ул-албоб» 36 қитъаи А. Ш. ва як қасидааш ҷой гирифтаанд. Авфӣ таъкид мекунад, ки «аксар ашъори ӯ муқаттаот аст». Қитъаҳои А. Ш. аксаран панду насиҳатианд. Намунаҳо аз ашъори А. Ш.:

Башорат орад аз Наврӯз моро ҳар замон лаклак,
Кунад ғамгин дили мо з-он башорат шодмон лаклак.
Шавад холӣ зи барфу зоғ паҳнои замин яксар
Зи барфу зоғ чун гардад аён аз осмон лаклак…
Дабиристон-ст гӯй, ошёну кӯдакон гунҷишк,
Нишаста чун яке пири муаллим дар миён лаклак…

***

Умри дароз агар зи ҳар неъмате беҳ аст,
Бад неъмате, ки умри дароз аст дар ниёз.
Андар ниёз умри дароз, эй бародарон,
Умри дароз нест, ки ҷон кандани дароз.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973; Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960.

АЛИ́ИИ ШУНҚО́Р (1457, Ҳирот – 1541, ҳамон ҷо), мусиқишинос, оҳангсоз ва шоири тоҷик (а. 15). Дар Ҳирот умр ба сар бурдааст. Мусиқиро аз падараш ва мусиқидонҳои Ҳирот Хоҷа Исҳоқи Шиҳобӣ, Устод Шодӣ омӯхтааст. Баъди омӯхтани санъати мусиқӣ як силсила асарҳо – «Савт», «Амал», «Рехта», «Кор», «Сарбанд», «Қавл», «Нақш» ва ғ. офарида, як қисми онҳоро ба маликаи Ҳирот Тӯтибегим бахшидааст. Оҳангҳои А. Ш. ба мақомҳои «Ҳусайнӣ», «Ироқ», «Дугоҳ», бар вазнҳои «Туркзарб» ва «Зарбулфатҳ» эҷод шудаанд. «Савти бегимӣ», «Нақши бегимӣ» аз ҷумлаи асарҳои машҳури ӯ ба шумор мераванд. Ғазалро низ некӯ суруда, соҳибдевон будааст.

Ад.: Раҷабов А., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007. *А. Раҷабов.*

АЛИИЛОҲИЁН, Алиоллоҳиён, аҳли ҳақ, як фирқаи ғулоти шиъа, ки пайравонаш нахустин имоми шиъа ва халифаи чаҳорум *Али ибни Абитолиб*ро мисли Худо мепарастиданд. Дар а.15 дар Эрон ва дигар давлатҳои ҳамҷавори он дар байни озарбойҷониҳо, туркҳо, форсҳо ва курдҳо пайдо шуд. А. аз чанд фирқаи хурд иборат буда, дар маҳалҳои гуногун номҳои мухталиф доштанд. Бино ба маълумоти муҳаққиқони асрҳои миёна А. як фирқаи сиёсӣ буд ва бештар дар Эрон, Ироқ ва Афғонистону Туркия интишор ёфта, ҳамчун афкори озодандешона байни деҳқонон ва ҳунармандону дӯкондорон амал мекард. Пайравонаш бештар маҳзаби худро шиъаи имомӣ мегуфтанд. Алӣ дар назари А. кушояндаи «ваҳйи илоҳӣ» буда, ҳамаи дигар пайғамбарон (Мусо, Исо, Муҳаммад) онро ба воситаи Алӣ дарёфтаанд. А. сайри такомулии рӯҳ (аз ҷамоду набототу ҳайвон то малакут)-ро мепазиранд ва аввалин таҷаллии томро дар Алӣ мебинанд. Суханоне, ки аз бузургони маҳзаби ин фирқа боқӣ мондаанд, гуфтор (панду андарз) ва калом мебошанд. Дар ибодати А. таъсири масеҳият, буддоия ва равияю ҷараёнҳои гуногуни Шарқ ҷой дорад. Ҷашни «Худовандгор» («Ховандгор») баъди се шабу рӯз рӯза гирифтан ҳар сол як маротиба ҷашн гирифта мешавад. Талоқ дар назди онҳо муҷоз нест. Баъзе муҳаққиқони Ғарб А.-ро бо *нусайрия* як медонанд, ки нодуруст аст. Ҳар ду фирқа ҳам Алиро ба дараҷаи худоӣ мепарастанд, вале бисёр нуқтаҳои таълимоти ин фирқаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Х. Додихудоев.

АЛИКО́Н, ниг. *Каттақӯрғонӣ.*

«АЛ-ҚОНӮ́Н», «Ал-Қонун фи-т-тибб», «Қонуни тиб», шоҳасари тиббии Абуалӣ ибни Сино. Ба забони арабӣ таълиф шудааст. «А.» кулли масъалаҳои тиброн бо асосу далелҳо ҳарҷониба инъикос менамояд. *Низомии Арӯзии Самарқандӣ* (а. 12) гуфтааст: «Ҳар касе ки ҷилди аввали «Ал-Қонун»-ро аз бар кардааст, барои ӯ аз қавоиди умумию асосии тиб чизе пинҳон нахоҳад монд. Баъди омӯхтани «Ал-Қонун» мутолиаи асарҳои дигари тиббӣ зиёдатист». Ибни Сино ба таълифи «А.» ҳангоми дар Гургон буданаш (1012) ба хоҳиши яке аз дӯстони бисёр наздики худ мепардозад ва дар он ҷо китоби аввали онро ба анҷом мерасонад. Сипас ин корро дар Рай ва Ҳамадон давом дода, такр. с. 1024 аз таълифи пурраи он фориғ мешавад. «А.» аз панҷ китоб иборат буда, ҳар китоб ба фан, фан ба ҷумла, ҷумла ба мақола ва мақола ба фаслҳо тақсим мешаванд.

Китоби якум андар умури куллии пизишкист, ки он бахши назариявии тиб, таърифи илми тиб, мавзӯъҳои он, ташреҳи умумии тан, таърифу таснифи бемориҳо ва сабабҳои онҳо, қонуну дастурҳои умумии нигаҳдории тандурустӣ, аз қабили усулҳои момоиву парвариши кӯдак, варзиши тан ва тадбирҳои умумии муолиҷа (қай, исҳол, раг задан ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Абуалии Сино дар оғози китоби якум дар баёни илми тиб навиштааст: «Ман тасдиқ мекунам: тиб илмест оид ба донистани тани инсон дар вазъи саломатӣ ё беморӣ ва ба инсон баргардондани саломатӣ, ки рӯ ба заъф овардааст… Вақто ки мегӯянд тиб иборат аст аз назария ва

амалия, гумон набояд кард, ки бахше аз тиб дироят асту бахше амал (ки баъзе муҳаққиқони ин масъала чунин мепиндоранд). Баръакс, бидон, ки маънои ин дигар аст, яъне ҳар ду бахши тиб илм аст, яке илми асосҳои тиб, дигаре илми тарзи табобат». Бо ин суханон Ибни Сино ҳамбастагии назария ва амалияи тибро таъкид кардааст.

Китоби дуввум ба маводи дорӯ бахшида шуда, бо номи дорухои сода пешкаши хонанда мешавад. Он ду бахшро дар бар мегирад. Дар бахши якум назарияи умумии дорушиносӣ, қоидаву дастурҳои интихоби маводи дорӯ, чӣ гуна ҷамъоварӣ ва захира кардани онҳо оварда шудааст. Дар бахши дуввум беш аз 800 намуди маводи доруии наботӣ, ҳайвонӣ ва маъданӣ ба тартиби абҷад (на алифбоӣ) зикр ёфтааст. Ба тартиби абҷад овардани маводи дорӯ эҳтимол дар он замон хеле маъмул ва ҳатто муносиб ҳам будааст, зеро ин маводи дорӯ дар сарчашмаҳои юнонӣ низ ба ҳамин тартиб омадаанд ва тартиби абҷад аз ин ҷиҳат то андозае мутобиқи алифбои юнонист.

Китоби севвум андар баёни бемориҳои ҷузъиест, ки дар ҳар як андому системаи идоракунанда ё физиологии инсон рӯй медиҳанд. Ин китоб бузургтарин бахши «А.» буда, қариб ними ҳаҷми умумии онро ташкил медиҳад ва тамоми бемориҳои ҷузъии инсон ва роҳи муолиҷаи онҳоро дар бар мегирад. Дар он нахуст таҳлили муфассали фаъолияту моҳият ва сохти ҳар як андом, сипас анвои бемориҳои он ва баъд аз он роҳҳои муолиҷа, тадбирҳои парҳез, дармон ва дорухои хоси он, инчунин тарзи истифодаи онҳо оварда мешавад.

Китоби чаҳорум андар баёни табҳо, бемориҳои сироятӣ, ҷарроҳӣ, омосҳо, захролудӣ, бемориҳое, ки агар рӯй диҳанд, хоси ягон андом нестанд ва низ андар баёни оростагӣ мебошад. Дар ин китоб тамоми бемориҳо, иллатҳо ва осебҳое, ки ба тамоми тан дахл доранд ва роҳҳои муолиҷаи онҳо баён ёфтааст, аз қабили табҳо, омосҳову табишҳо (ҷӯшишҳо), осебҳои тасодуфие, ки муҷиби баромадани андомҳо, шикастани устухонҳо ва рӯй додани ҷароҳатҳо мегарданд, захролуд шудани ҷисм аз захрҳои ҳайвонӣ, наботӣ ва маъданӣ. Дар охир дар бахши ороиш (косметика) бемориҳову осебҳои ҷисмие баён ёфтаанд, ки агарчи чандон пурзаҳмат нестанд, вале ҳусни зоҳирии танро халалдор менамоянд. Дар ин бахш ҳамчунин роҳи муолиҷа ва чӣ гуна бартараф кардани онҳо нишон дода шудааст.

Китоби панҷум андар баёни дорухои мураккаб аст. Одатан, ин бахши тибро «Қарободин» меноманд ва бинобар он ин китоб бо номи «Қарободини Ал-Қонун» низ маъруф аст. Китоби панҷум асосан аз се қисм иборат мебошад. Дар қисми якум назарияи умумии дорухои мураккаб, дар қисми дуввум дорухои мураккаб аз рӯи тақсимоти навъӣ ва дар қисми севвум дорухои мураккаби санҷидашуда аз рӯи тақсимоти хосияти шифоӣ ва фармакологии онҳо, яъне ба ҳасби ҳар як андоми тан ва бемориҳои онҳо оварда шудаанд.

Дар ҳама фаслу бобҳои «А.» фикру мулоҳиза, коркарду ихтироот, тадбиру тавсияҳои тоза ҷой доранд, ки бисёре аз онҳо эҷоди худи муаллиф буда, имрӯз моҳияти амалиашонро гум накардаанд. Ибни Сино як фасли бузурги «А.»-ро ба илми амрози ботин (терапия) бахшидааст. Ӯ фароянди бемориҳоро ба чор марҳала – оғоз, афзоиш, ба ғоят расидан ва пастравӣ ҷудо карда, доир ба ҳар яки онҳо маълумоти мӯҷаз медиҳад: «Оғоз замонест, ки андар он беморӣ зоҳир гардад ва ҳолатҳояш яксон буда, афзудани вай ошкор набувад. Афзоиш он замонест, ки андар он ҳангом шиддатёбии беморӣ дида шавад. Марҳилаи ба ғоят расидан замонест, ки андар он беморӣ андар ҳамаи бахшҳои худ ба ҳолати ягона бошад. Пастравӣ замонест, ки андар он ҳангом камшавӣ падид ояд ва рӯз ба рӯз ин камшавӣ зоҳиртар бигардад». Дар бобати муолиҷаи бемориҳо давоҳои гуногуни содаю мураккаб, дорухои наботӣ, ҳайвонӣ ва маъданӣ тавсия шудаанд. Дар «А.» бори аввал дар бораи сироят кардани баъзе бемориҳо ишора рафтааст.

Осебшиносӣ дар «А.» нисбатан муфассал шарҳ ёфтааст. Абуалии Сино зери мафҳуми «баромадагӣ» пурра аз ҷойгоҳи хеш берун шудани устухонро дар назар дорад. Ба ақидаи ӯ устухони пурра набаромадаро «лағжидани пайвандгоҳ» мегӯянд, ки онро аз тариқи дастмол метавон ташхис кард. Шикастагии устухон ва тарзи ташхиси онро Ибни Сино чунин шарҳ медиҳад: «Агар андоми шикаста ба сӯи берун майл кунад, ба гуфтаи Букрот беҳ аз он аст, ки ба сӯи андарун майл карда бошад… Маҳали шикастаро андар касони калонсол бо ёрии дард… ва бо даст-даст кардан муайян кунанд, вале андар кӯдакони хурдсол аз тариқи дард, омос ва сурхие бинамоянд, ки аксар вақт андар эшон ориз бигардад».

Дар тибби муосир исбот шудааст, ки сабаби бисёр оризаҳои латхӯрӣ, шикастан ё баромадагии узв нодуруст гузоштани бандина аст. Дар «А.» дар бораи ин мавзӯъ фикрҳое ҷой доранд, ки имрӯз аз нигоҳи мутахассисон билкул дурустанд: «Бисёр бошад, ки аз сахт бастан, дер кушодан ва ба он кам нигоҳубин кардан, андом бимирад, гандида гардад ва ба буридан эҳтиёҷ пайдо кунад…» Дар «А.» шаш тарзи ҷо ба ҷо кардани баромадагии устухони бозу ва се усули баромадагии сутунмӯҳра ва думғоза қайд шудааст. Чунончи, дар баёни шикастагии бозу Абуалии Сино мегӯяд: «Агар барои хуб ҷойгир кардан (устухони шикаста) ба кашидани сахт эҳтиёҷ бошад… беморро ба курсии баланде бинишон, ки аз нишаста дида ба рост истодан наздик бошад, бояд зери бағалашро бар паллаи нардбон ва ягон чизи ба-д-ин монанд… ҷойгир кунанд ва бояд ин маҳалро пешакӣ ҳамвор сохта, бароҳату нарм гардонда бошанд. Сипас, бояд ягон чизи гаронеро бар оринҷи ӯ биовезанд… Ҳар гоҳ (устухон) ба андозаи дилхоҳ кашида шавад, он гоҳ вайро рост кунанд».

Ибни Сино хусусан ба қоидаҳои безараргардонӣ (асептика ва антисептика) эътибори ҷиддӣ додааст: «Бояд пораи бандина покиза бошад, зеро пораи чиркин сахт буда, дард биангезад, бояд тунук бошад, то агар чизе бар вай тилоъ кунанд, аз он бигузарад ва бояд сабук бошад, то бар андоми дардманд гаронӣ наоварад».

Дар «А.» ба масъалаҳои пирӣ ва бемориҳои пирсолӣ, ки акнун мавзӯи илми геронтология мебошанд, тавачҷӯҳи зиёд зоҳир шудааст. Аз нигоҳи Абуалии Сино пирсолон ба муносибат, тағзия ва табобати махсус эҳтиёҷ доранд: «Ғизои пирро бояд ба бахшҳои кам-кам ҷудо намуд ва онро ба ҳасби қувваи гувориш ва нотавонии он ду ё се бор дод… Пиронро бо равған, хусусан бо равғани зайтуни хуш ҳуқнарезӣ кардан судманд аст». Имрӯз дар дунё садҳо муассисаҳои илмӣ вуҷуд доранд, ки мавзӯи тадқиқоти онҳоро маҳз геронтология ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз «А.»-ро метавон аввалин сарчашмаи маълумот оид ба геронтология ҳисобид.

Дар «А.» масоили равонпизишкӣ (психиатрия) ва бемориҳои рӯҳӣ ба фаъолият ва ноҷӯриҳои мағзи сар вобаста карда шудаанд. Ибни Сино ба ин мавзӯъ дахл намуда, байни ихтилоли идрок ва ихтилоли тафак-

кур тафовут мегузорад. Ба ақидаи ӯ агар дар баъзе ҳолатҳо дар сар пайдо шудани садоҳои гуногун (мас., садои об, нақора, вазиши шамол ва ғ.) аломати ноҷӯрии рӯҳӣ бошад, пас дар мавридҳои дигар нишонаҳои он эҳсоси бӯйҳои нохуш ва шарораҳои пеши чашм маҳсуб мешаванд, ки онҳо дар асл вуҷуд надоранд. Ашхоси гирифтори бемориҳои рӯҳӣ дар қайди дунёи дигар мебошанд, онҳо чизи набударо вуҷуддошта ва вуҷуддоштаро вуҷуд надошта мепиндоранд.

Бо чунин мушоҳидаҳои хеш Ибни Сино дар «А.» ба тараққии таълимот оид ба таваҳҳумот ва ҳазён заминаи илмӣ гузоштааст. Тафовути парешонии зеҳн ва гӯлию ҳамоқатро Абуалии Сино дар нуқси мағзи сар мебинад: «Фарқ миёни парешонии зеҳн ва гӯлию ҳамоқат андар он аст, ки ҳарчанд ин ҳар ду осеби ақлӣ буда, сабаби ҳар дуро баамаловаранда мумкин аст андар шиками миёнгини мағз ҷой дошта бошад, вале парешонии зеҳн ба ҳасби тағйир осеби феълҳои фикрист ва гӯлию ҳамоқат осебҳое ба ҳасби коҳиш ва ё бекоршавӣ буда, ҳолатест, ки шабеҳ ба ҳолати пирию кӯдакӣ бувад».

Доир ба бемориҳои рӯҳӣ маълумот дода, Ибни Сино дар «А.» роҷеъ ба молихулиё (меланхолия) низ таваққуф кардааст. Ӯ нишонаҳои ҳолати рӯҳии мазкурро дар тарси бесабаб, тундмизоҷӣ, гӯшанишинӣ, гирёнзадагӣ, паридани андомҳо, бонг задани гӯш, ғамгинию бадгумонӣ, ваҳшат, ҳарфҳои беҳуда ва ғ. мебинад: «Агар савдои баамаловардаи молихулиё хунӣ бошад, (беморӣ) бо шодию ханда зоҳир гардад ва андӯҳи сахт ӯро ҳамроҳ набошад, агар (савдо) бо балғам падид омада бошад, (беморӣ) бо беҳавсалагӣ, камҳаракатӣ ва оромӣ зоҳир шавад, агар (савдо) аз сафро падид омада бошад (беморӣ) бо изтироб ва андаке ҷунун ба амал ояд ва мисли мониё бошад, агар савдо савдои холис бошад, ҳангоми ин (беморӣ) андеша бештару душманӣ камтар бувад, вале агар (беморро) бичунбонанд, ба шӯр омада, чунон кина гирад, ки дигар фаромӯш накунад…»

Абуалии Сино табиати сироятӣ доштани бисёр бемориҳоро фарқ мекард. Чунончи, нахустин бор дар таърихи илми тиб дар «А.» ишорате ба ангезаи бемориҳо (микробҳо) рафтааст. Ӯ мегӯяд, ки дар муҳити берунӣ ҷонварони бемориовар мавҷуданд, ки ба чашм наменамоянд. Дар «А.» ба василаи об, ҳаво ва ғизо паҳн гаштани бемориҳои сироятӣ (тоун, вабо, сӯхтанӣ, ҳорӣ, нағзак, сурхакон, ханозир, сарсом, варача, киҷҷасорӣ ва ғ.) сухан рафта, зарурати ҷӯшондан ё соф кардани оби нӯшокӣ таъкид шудааст. Вақте ки сухан аз бобати шинохтани чунин бемориҳо равад, нишонаҳои асосии онҳо як ба як зикр меёбанд. Чунончӣ, дар мавриди бемории ҳорӣ омадааст: «Агар ягон касро саги девона бигазад, нахуст ба ҷуз ҷароҳате чун дигар ҷароҳатҳои дарднок мушоҳида нашавад, вале сипас баъд аз якчанд рӯз ӯро бархе аз андешаҳои табаҳ ва хобҳои фосид ва ҳолате мисли хашм, васваса, ошуфтаҳолӣ ва ҷавоб гуфтан на ба чизи пурсидашуда ба амал ояд. Ӯро бибинӣ, ки ангуштонаш ба ташаннуҷ гирифтор шуда бошанд… аз рӯшноӣ бигуреза… ҳукак, ташнагӣ ва хушкидани даҳон ориз бигарданд, аз мардум гурехта танҳоӣ гузинад. Гоҳе аз рӯшноӣ ба хашм ояд… Баъд, андар марҳалаи охир аз об ва аз тариҳо метарсидагӣ шавад… Ин беморӣ гоҳе андар миёни як ҳафта то шаш моҳ бикушад ва миёнаи ин мӯҳлат чиҳил рӯз аст». Аз нигоҳи мутахассисони вогиршинос имрӯз дар ташхиси бемории ҳорӣ, ки дар «А.» омадааст, тағйироти назаррас вуҷуд надорад.

Ҷарроҳияи Ибни Сино ҳарҷониба дақиқ ва хеле ҷолиби диққат аст. Ӯ чандин хел олат ва усулҳо, мас., усули гирифтани санги масонаро ихтироъ намуда, бо ин кор илму санъати ҷарроҳиро такмил ва тараққӣ додааст. Баъзе мавзӯъҳои «А.»-ро табобати захмҳо, захмбандӣ, нигоҳ дошатани хунравӣ, ҷарроҳии решҳои фасоддор, носурҳо, чурраи шикам ва ғ. дар бар гирифтаанд. Дар «А.» тақр. 12 навъи ҷароҳат ва чораҳои табобати онҳо ёдрас шудаанд, мас., дӯхтани ҷароҳати шикам ба чунин тарз шарҳ ёфтааст: «Ман бароят беҳтарин тариқаи дӯхтани шикамро тавсиф намуда мегӯям: Азбаски чизи мавриди эҳтиёҷ ин аст, ки бояд миёни сифоқ ва мароқ пайваста шавад, бинобар ин туро лозим аст, ки андар оғози дӯхтан сӯзанро аз беруни пӯст ба сӯи дарун бизанӣ. Ҳар гоҳ сӯзанро андар пӯст ва андар мушаке даровардӣ, ки ба дарозои шикам рост фуруд омадааст, гӯшаи сифоқи андар ин сӯй бударо ба ҳоли хеш гузошта, андар он сӯзанро надарор ва сӯзанро андар гӯшаи дигаре дароварда, аз дарун ба сӯи берун бигузарон. Чун сӯзанро гузарондӣ, бори дуввум низ аз худи ҳамин гӯшаи мароқ аз берун ба сӯи дарун гузаронда, гӯшаи сифоқи андар ин ҷониб бударо ба ҳоли худ бигузор ва сӯзанро андар гӯшаи дигар зада, аз дарун ба берун бигузарон. Баробари гузарондани сӯзан аз сифоқ онро аз гӯшаи мароқи андар ин ноҳия буда низ бигузарон ва ҳамин тариқ то аз ҳамаи он гузарондани сӯзан (корро бояд давом дод). Сипас, низ аз ҳамин бар сар карда, онро ба гӯшае бидӯз, ки аз сифоқи андар бари берунбуда аст. Сӯзанро аз пӯсте берун ор, ки ба наздики он ҷой дорад. Сипас сӯзанро дубора андар он пӯст даровардаи гӯшаи сифоқи андар ҷониби дигар бударо бо ин гӯша аз мароқ бидӯз ва (сӯзанро) аз пӯсте берун ор, ки андар ноҳияи он ҷой дорад. Ин корро ба ҳамин тартиб пай дар пай то пурра дӯхта шудани ҷароҳат давом дех». Маълум мегардад, ки Ибни Сино дар мавриди дӯхтани захми шикам мисли Ҷолинус ба пайвастани сифоқ (шикампарда) бо деворахои нармии шикам эътибори хос додааст.

Ҳангоми табобати бавосир (геморрой) Абуалии Сино қабл аз ҳама ба тағзияи бемор ва рафъи қабзият диққат медод. Сипас аз пайи муолиҷа бо дору мешуд, агар ин кор натиҷа надиҳад, пас ӯ ғуддаҳои бавосирро бо ришта сахт мебаст ё онҳоро бурида дур мекард. Чунин тарзи муолиҷаи бавосир, ки дар «А.» тавсиф ёфтааст, аз усулҳои ҷарроҳии ҳозира кам фарқ дорад.

Дар замоне, ки Ибни Сино ба сар бурдааст, қонунҳои шариат роҳ намедоданд, ки табиби мард ба зани ҳомила кумак расонад ё дар вақти таваллуд иштирок дошта бошад. Бо вуҷуди ин саҳми Абуалии Сино дар инкишофи илми момоӣ назаррас аст. Бисёр тарзу усулҳои аз раҳм берун овардани тифл, ки ӯ пешниҳод намудааст, дар амал фаровон истифода мешуданд. Абуалии Сино дар «А.» роҷеъ ба сабабҳои бенаслии зану мард ва иқот, нишонаҳои ҳамл, ихтилоли ҳайз, парҳези зани ҳомила, синамаконӣ, дуруст буридани ноф ва ғ. маълумоти муфассалу ҷолиб додааст. «Сабаби нозоӣ ё андар мании мард, ё андар мании зан, ё андар андомҳои заҳдон ва ё андар андомҳои нара ва афзорҳои манӣ ҷой дорад. Ё мумкин аст он ба сабабе вобаста бошад, ки андар андомҳои мабдаӣ вуҷуд дошта, аз қабили андӯҳ, тарс, дардҳои гуногуни сар, заъфи гувориш ва хоммонии ғизо бувад. Ё мумкин аст ба ягон хатоии ногаҳон рӯйдодае вобаста бошад» – омадааст дар «А.». Чунин шарҳи безурётӣ аз нигоҳи илмӣ билкул дуруст мебошад.

Бархе аз мавзӯъҳои «А.»-ро оризаю душвориҳои таваллуд дар бар гирифтаанд. Чунончи, дар мавриди тадбири зане, ки бача ниҳоданаш ба сабаби бузургии кӯдак душвор аст, Абуалии Сино мегӯяд: «Бояд доя агар битавонад, ин гуна ҷанинро хуб даст гирифта, андак-андак ба нармӣ бикашад ва агар натавонад, ӯро бо домони ягон ҷома бибандад ва оҳистаю бахрабахра берун кашад. Агар ин ҳам суд набахшад, анбурҳои гуногунро ба кор барад ва бо ёрии онҳо ҷанинро берун орад. Агар аз ин роҳ ҳам нашавад, аз ҳама осонаш пора-пора карда, берун овардан буда, тадбири ҷанини мурдаро ба кор баранд». Ин гуна усули ҷарроҳӣ (эмбриотомия), ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, то ох. а. 19 дар амалияи тиб фаровон истифода мешуд.

Педиатрия ҳамчун илм нимаи дуюми а. 19 ба вуҷуд омадааст, вале бисёр масъалаҳои он (мас., ба кӯдак додани шири сина, табобати бемориҳои кӯдакон, нигоҳубини тифл ва ғ.) дар «А.» ҳаллу фасл ёфтаанд. Абуалии Сино мегӯяд: «Чигунагии шир ва ғизо додани он (кӯдак) чунин аст, ки бояд ҳар қадар ки мумкин аст, бо шири модараш шир дода шавад, зеро аз ҳамаи ғизоҳо ин ба гавҳари он ғизое, ки пеш ҳангоми андар раҳм будан гирифта буд, … бештар монанд аст. Бинобар ин (кӯдак) онро бипазирад ва бештар ба он улфат дорад».

Кулли духтурони атфол бар он ақидаанд, ки шири модар беҳтарин ғизо барои тифл мебошад. Дар бораи тарзи макондани кӯдак, ки омили асосии пешгирии бисёр бемориҳост, Ибни Сино гуфтааст: «Аввали пагоҳӣ бояд аз шире, ки ба бача бидиҳанд, ду – се бор дӯшид, хусусан агар андар шир нуқсоне бошад ва сипас пистонро ба даҳони ӯ бояд гузошт. Агар шир бад ва тундмаза шуда бошад, беҳтар он аст, ки ширдиҳанда пагоҳӣ ношито шир надиҳад… Муддати табиии ширдиҳӣ ду сол аст. Агар кӯдак ғайри шир чизе бихоҳад, бояд ба тадриҷ дода шавад ва бар вай сахт набояд гирифт».

Ибни Сино дар таҳқиқи масъалаҳои офталмология ва оториноларингология низ комёб будааст. Ӯ доир ба ташреҳи чашм маълумот дода, онро аз се қисм (ҷалидия, зуҷоҷия, байзия) иборат медонад. Қатъи назар аз он ки Шайхурраис шабакаи чашмро алоҳида ном набурдааст, ӯ бо асаби босира пайвастагӣ доштани онро дуруст тавсиф мекунад. Сипас ӯ мегӯяд: «Аз тарафи (пешини) он бофтаи анкабутие растааст, ки аз он пардаи латифе падид ояд… Ин парда ҳамчун девор миёни рутубати ҷалидӣ ва рутубати сафедимонанд афтидааст, то андар миёни чизи латиф ва чизи касиф деворе бошад». Акнун ба мо маълум аст, ки ҳангоми ихтилоли ғилофа (парда) моеи хонаи пеш ба булӯрак гузашта, онро тира месозад. Абуалӣ Сино дуруст қайд кардааст: «Ин (парда) аз баҳри он чун ошёни анкабут тунук аст, ки агар ба таври ситабр андар пеши рутубати ҷалидӣ меистод, бешубҳа, чунин муҳолот ба миён меомад, ки нури аз тариқи (рутубати) сафедимонанд расидаро аз рутубати ҷалидӣ мепӯшад». Ибни Сино пардаи аввали чашмро раггарда меномад, ки «… вай гузаргоҳи ғизост ва эҳтиёҷ ба он нест, ки ҳамаи бахшҳои ӯ аз барои манфиати ғизогирӣ сохта шуда бошанд, балки бахши пасини вай, ки машимаӣ ном дорад, кифоят аст». Чунин хулосагирӣ қобили таваҷҷӯҳ мебошад, зеро имрӯз муқаррар шудааст, ки маҳз раггарда дар амали биноӣ ширкати фаъол меварзад.

Абуалии Сино роҷеъ ба мақоми мағзи сар дар биноӣ навиштааст: «Нотавонии биниш ва офати он мумкин аст… вобаста ба ягон сабабе бошад, ки андар худи мағз ҷой дорад». Имрӯз ин гуфтаҳо тасдиқ гашта, асоси бахши нави офталмология – нейроофталмологияро ташкил доданд. Дар «А.» оид ба бемориҳои чашм ва табобати онҳо низ маълумоти муфид оварда шудааст.

Дар робита ба хуншории бинӣ Ибни Сино менависад: «Рафтани хуни бинӣ яке аз ҳолатҳоест, ки ҳам суд дорад ва ҳам зиён…». Суд овардани хуни биниро, бешубҳа, дар мавриди бемории гипертония метавон мушоҳида кард. «Ҳар кӣ баъди он сарашро аз пурӣ сабукшуда… дарёбад, пас вайро аз хуни бинӣ суд ҳосил шуда бошад».

Тавсияҳои Ибни Сино дар бобати бо садоҳои баланд барқарор кардани гаронии гӯш ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошанд: «Варзиш кардан, инчунин андар гӯш сахт садо додан ва буқ ва монанди инҳоро навохтан аз барои ин гуна (гаронӣ) сахт судманд аст…» Дар мавриди баъзе бемориҳо ба фаъолияти гӯш таъсири мусоид расондани садои баланд, ки Абуалии Сино тасвир кардааст, баъди садсолаҳо аз ҷониби мутахассисон мавриди истифода қарор гирифт. Ҳоло кӯдакони гирифтори иллати гӯшро дар мактабҳои махсус, ки бо асбобҳои баландкунандаи садо таҷҳизонида шудаанд, таълим медиҳанд.

Бисёр тавсияҳое, ки дар «А.» ҷой доранд, барои ташаккули соҳаҳои нави илми тиб заминаи мусоид фароҳам оварданд.

«А.» дар Шарқ зуд мавриди писанди алоқамандон қарор гирифта, тадриҷан тамоми китобҳои пеш аз худ дар ин ришта таълифшуда, хусусан «Ал-Ҳовӣ»-и Закариёи Розӣ (865 – 925) ва «*Комил-ус-синоат*»-и Абулҳасани Маҷусӣ (ваф. 1010)-ро таҳти шуоъ қарор дод. Нахустин омӯзгори «А.» худи муаллиф буда, ба ривояти Абуубайди *Ҷузҷонӣ* ӯ ҳангоми дар Исфаҳон будан, ҳар бегоҳӣ, баъд аз фароғат аз корҳои маъмурӣ ва воҷиботи рӯзона, дар ҳалқаи шогирдону мухлисон аз «А.» дарс мегуфтааст. Сипас, нусхаҳои бисёри «А.» дар атрофу акнофи олами ислом паҳн шуда, дар ҳамаи марказҳои илмию фарҳангии он ҳамчун китоби дарсии тиб мавриди омӯзиш ва истифодаи пизишкон қарор гирифт. Дар ҳар асре мувофиқи талаботи замон ба ин китоб донишмандон шарҳу таълиқот навиштаанд, барои хубтар аз бар кардани умдатарин матолиби тиббӣ вариантҳои мухтасари онро ба вуҷуд овардаанд ва ҳатто ба гуфтаи муаллифи «Кашф-аз-зунун» Ҳоҷӣ Халифа Довуди Антокӣ (ваф. 1599) «А.»-ро ба назм даровардааст.

«А.»-ро дар а. 12 Жерари Кремонӣ ва Алпагус ба лотинӣ, с. 1279 Натантом Меатӣ (Ҳамматӣ) ба забони ибрӣ тарҷума карданд. Баъди ихтирои санъати чоп «А.» дар қатори китобҳои мӯътабари замон ба забони лотинӣ нашр гардид (1473). Аз а. 15 то а. 17 аз ҷиҳати адади нашр қариб ҳеҷ китоб ба он баробар шуда наметавонист. «А.» ба шакли мукаммал қариб 40 маротиба ва ҷузъҳое аз он садҳо бор ба забонҳои гуногуни халқҳои ҷаҳон интишор ёфтааст. Аз сабаби бузургии ҳаҷм бисёр нусхаҳои мухтасари он мураттаб ва нашр гардиданд, ки машҳуртарини онҳо таснифи Ибни Нафисӣ «Ал-Мӯҷиз» буда, с. 1828 дар Калкутта ба табъ расидааст. Солҳои 1954 – 60 олимони шӯравӣ онро ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ тарҷума карда, дар Тошканд интишор намуданд. «А.» ба забони тоҷикӣ низ тарҷ. ва нашр шудааст. Тарҷумаи тоҷикии он, ки мутобиқ ба тақсимбандии худи Абуалӣ Синост, инчунин тавзеҳот ва чанд намуди луғот аз ҷониби корманди Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Шаҳобуддинов пурра анҷом ёфта, дар Муассисаи давлатии

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик ба табъ расидааст.

«А.» аз назарияҳои ғайриилмӣ ва суннатҳои схоластикии хоси асрҳои миёна фориғ аст. Муаллиф «А.»-ро ба номи соҳибдавлате набахшидааст, вазъи бемор ва муолиҷаи онро бо нуҷум (ҳолати кавокиб ва сайёрагон ва таъсири онҳо) вобаста наменамояд. Ибни Сино «А.»-ро дар асоси тасаввуроти дурусти илмии таъсири муҳит ба инсон таълиф кардааст: ӯ мегӯяд: «Табиати халқе, масалан, ҳиндуҳо ё исавиҳо, ба шароити иқлими онон мусоид аст. Ҳамаи ҳиндуҳоро як ниҳод хос аст, ки боиси саломатии онҳост, аммо исавиён табиати дигари ба худ хос доранд, ки саломатии ононро нигоҳ медорад. Агар ҳиндуро табиат бо табиати исавӣ иваз гардад, бемор ё ҳалок мешавад ва баръакс… Ҳар одам мизоҷи муайян ва ниҳоди ҷисми ӯ хислати хос дорад. Аз ин ҷост зарурати таъйин намудани дору мувофиқи табъи ҳар як одам; доруе, ки ба Аҳмад гармӣ мекунад, ба Зоҳид чунон таъсир надорад».

«А.» аввалин маротиба аз тарафи *Нуралиев* Ю. дар чорчӯбаи тиббии исботӣ ва дастовардҳои тибби муосир ҳамчун системаи мустақили тиббӣ таҳлил шудааст.

«А.» беш аз 500 сол дар донишкада ва муассисаҳои тиббии ҷаҳон чун китоби дарсии асосӣ ва дастурамал хизмат кард. Асарҳое, ки ҳакимони минбаъда дар илми тиб ба забонҳои арабӣ ва форсӣ тасниф кардаанд, ба «А.» асос ёфта ва аксар тақлиде ба онанд. Бисёр қоидаҳои назофат ва нигоҳдории тандурустӣ, усулҳои пешгирӣ ва дармони дардҳо, ки дар «А.» зикр ёфтаанд, асоси тибби халқии Шарқ гардида, дар байни мардум маъмул шудаанд.

Ад.: Абуалӣ ибни Сино, Қонуни тиб, ҷ-ҳои 1 – 5, Д., 1991 – 2005; Канон врачебной науки, кн. 1 – 5, Ташкент, 1954 – 60; Терновский В. Н., Ибн Сина, М., 1969; Петров Б. Д., Ибн Сина (980 – 1037), М., 1980; «Канон» Ибн-Сино и современная медицинская наука, Д., 1980; Нуралиев Ю., Медицинская система Авиценна, Д., 2005.

М. Диноршоев, Ю. Нуралиев, С. Шаҳобуддинов, А. Тошев.

АЛИҚУЛБЕ́КИ ҶАББОДОР, номи пурраш Алимуҳаммад Алибек ибни Абдулбеки Наққошбошӣ ибни Алиқулбеки Фарангӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1779, Мозандарон), мусаввир ва минётуранигори эронӣ (нимаи дуввуми а. 17 ва ибт. а. 18). Бинобар дар дарбори шоҳ ҳидмат карданаш, лақаби «Ҷаббодор»-ро гирифтааст. Мувофиқи маълумоти тазкираи *«Оташкада»*-и Лутфалибеки Исфаҳонӣ А. Ҷ. дар Исфаҳон таваллуд ёфта, дар овони ҷавонӣ дар дарбори Сулаймоншоҳ (ҳукмр. 1666 – 94) хидмат кардааст. Ҳаёт ва зиндагии А. Ҷ. ба замони ҳукмронии шоҳи сафавӣ Таҳмосб (1722 – 32) ва Нодиршоҳи Афшор (ҳукмр. 1736 – 47) рост меояд. Ба аксари асарҳояш «Ғуломзодаи қадим Алиқули Ҷаббодор» имзо мондааст. А. Ҷ. сабки санъати тасвирии асримиёнагии Шарқро идома дода, дар эҷодиёташ аз услуби минётуранигории мамалакатҳои Европа (Италия, Франсия, Нидерландия ва ғ.) истифода бурдааст. Хусусан, нусхаи тасвири «Портрети шоҳзодаи Фаронса»- и Филипп де Шампан (тахм. 1650), «Ду хонум ва маҳрам» (Қазвин, 1974), се мусаввараи Сулаймоншоҳ (Қазвин, 1674), «Авлиё», «Шоҳ ва дарбориён», «Шикоркунии шоҳ», «Савора», «Шоҳин» ва ғ., ки ба қалами А. Ҷ. мутталлиқанд, дар таърихи рушд ва инкишофи ҳунари нигорандагии кишварҳои Шарқ, бахусус Эрон мавқеи хос доранд. Яке аз минётураҳои машҳури А. Ҷ. «Чӯпонписар ва чӯпонзанон» дар Намоишгоҳи байналмилалӣ (Нию-Ёрк, 1920) ба намоиш гузошта шудааст. Теъдоди зиёди осори ҳунарии А. Ҷ. дар музейҳо ва китобхонаҳои Россия, ШМА, Англия ва Эрон нигаҳдорӣ мешаванд. *Л. Бойматов.*

АЛИМАРДО́НОВ Амриязон (2. 11. 1938, деҳаи Равнови ноҳ. Қал__ъаихум, ҳозира Дарвоз – 15. 3. 2010, Душанбе), адабиётшинос-шарқшиноси тоҷик. УДТ-ро хатм кардааст (1961). Аз с. 1961 корро дар Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶТ (аз с. 2011 Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ) шурӯъ карда, аз лабораранти калон то ба мудири Шӯъбаи тавсифи дастхатҳо ва таҳияи феҳристҳо расид. Аз с. 2006 то ох. умр мудири Шӯъбаи Ҳинду Покистонро ба ӯҳда дошт. Самтҳои таваҷҷӯҳи илмии А. масъалаҳои таҳқиқи таърихи адабиёти форс-тоҷик, таърихи адабиёти форсизабони Ҳинду Покис тон, матншиносӣ, нусхашиносӣ, тасаввуф, муносибати дини ислом ба соҳаҳои гуногуни ҳунару фарҳанг будаанд. Доир ба масъалаҳои мазкур вай 350 асар – монографияҳо, мақолаҳои пурмӯҳтавои илмӣ, сарсуханҳо ба осори чопшуда ва ғ. навиштааст, ки дар Тоҷикистон ва берун аз он ба табъ расидаанд. Ба қалами А. асарҳои илмии тадқиқии «Зиёуддини Нахшабӣ ва «Тӯтинома»-и ӯ», «Абулфазли Алломӣ ва «Иёри дониш»-и



Алимардонов А.



Алиматов Даврон.

ӯ», «Муносибати дини мубини ислом ба мусиқӣ, рақсу суруд ва санъати тасвирию хаттотӣ», «Замина ва омилҳои равнақу тавсиаи илму адаби форсу тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри XI» ва ғ. тааллуқ доранд. Матни асарҳои Хусрави Деҳлавӣ «Ҳашт биҳишт», Муҳаммади Қодирӣ «Тӯтинома», «Иёри дониш», «Таърихи исмоилия» (ҳамроҳи С. Шохуморов) ва ғ.-ро бо муқаддимаҳои муфассал ва шарҳу тавзеҳот ба табъ расондааст. Яке аз таҳиягарон ва мураттибони китоби намунаҳои наср «Дурдонаҳои наср» мебошад. Дар Шӯъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристҳо, ки А. мудир буд, феҳристи дастхатҳои Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Инти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ дар чаҳор ҷилд омода гардида, с-ҳои 1997 – 2004 дар Эрон ба табъ расид. Тавсифи сеяки дастнависҳоро А. анҷом додаст. Бо роҳбарӣ ва иштироки фаъолонаи А. бори аввал дар Тоҷикистон феҳристи электронии 500 нусха даснависи нодири қаламӣ ва музайян (зебу зиннат ёфта) ба забони тоҷикӣ, хатти форсӣ ва англисӣ тартиб дода шуд. А. яке аз муаллифони пурмаҳсули нашрияҳои энсиклопедӣ – ЭСТ, «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» буд. Дар конференсияҳову симпозиумҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷа иштирок ва суханрониҳо кардааст. Бо роҳбарии А. се нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд. Бо ордени Шараф, Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон қадрдонӣ шудааст.

Ад.: Шарқшиносии тоҷик (1958 – 2008), Д., 2009.

Қ. Элчибеков.

АЛИМАРДО́НОВ Файзулло (1903, деҳаи Хоҷабойқули Кофарниҳон – 1963, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Чоряккор (1919 – 29), аввал чӯпон, баъд колхозчӣ ва сардори звенои к-зи ба номи Телмани ноҳ. Орҷоникидзеобод (1930 – 63). Звенояш ҳосили баланди пахта гирифтааст. Бо ордени Ленин, медалҳо ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

АЛИМА́ТОВ Даврон Абдуллоевич (тав. 2. 3. 1950, ш. Хуҷанд), актёр ва сарояндаи тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи фак-ти актёрии Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А. Луначарскийи ш. Москва (1971). Солҳои 1971 – 73 актёри Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон, 1973 – 74 актёри киностудияи «Тоҷикфилм», 1975 – 89 актёр ва овозхон, 1990 – 96 директори Театри мазҳакаи мусиқии ш. Хуҷанд. Аз с. 1997 актёр ва овозхони ҳамин театр. Доманаи эҷодаш фарох аст. Чун актёр дар офаридани ролҳои драмавию лирикӣ маҳорати баланд дорад. Беҳтарин образҳои офаридааш дар театр: Юнус («Ғори аҷинаҳо»-и Г. Сафиева), Горетский («Васса Жилезнова»-и М. Горкий), Озар, Тамриз («Суруди нотамом» ва «Фоҷиаи инсон»-и А. Атобоев), Зол («Зол ва Рудоба»-и Ш. Қиёмов), Рама («Рамаяна»-и М. Гусева). Янус («Тангои ҷиноятӣ»-и Э. Ракет) ва ғ. Дар кинофилмҳои «Ҳеҷбудагон ҳар чиз мешаванд» (реж. Т. Собиров), «Субҳи Ганг» (реж. Л. Файзиев), «Асрори нӯҳ пайғамбарон» (реж. Ю. Юсуфов), «Агар хоҳӣ, ки ба биҳишт афтӣ, мурдан лозим» (режиссёр Ҷ. Усмонов) ва ғ. рол бозидааст. А. сарояндаи хушовоз аст. Дар васфи Модар, Ватан, ҷавонӣ, ишқ ва ғ. таронаҳои зиёде сароидааст. Ба як қатор сурудҳо худаш оҳанг бастааст. «Се меҳр» (шеъри Ғ. Сафарзода), «Ошиқ шудам гуноҳам ин аст» (шеъри А. Лоҳутӣ), «Ба пахтакорон» (шеъри М. Аминзода), «Вафои ошиқона» (шеъри Лоиқ) аз ҷумлаи онҳоанд. Бо ордени Дӯстӣ сарфароз гардидааст.

АЛИМЕ́НТ (аз лот. Alimentum – таъмин кардан, сарпарастӣ, парасторӣ), воситаҳои моддии таъмин намудан ё парасторӣ кардан, ки иҷроишашонро мустақиман қонуни ҷорӣ таъйин кардааст. Ӯҳдадориҳои додани А. аз муносибатҳои никоҳӣ, хешигарӣ ва дигар робитаҳо (мисли писархондӣ) бар меоянд. Шартҳои гирифтани А. (корношоямӣ ба сабаби хурдсолӣ, пирсолӣ, вазъи саломатӣ ва ғ.) эҳтиёҷмандии як шахс ба шахси дигари имконият дошта мебошанд.

Кодекси оилаи ҶТ танҳо он никоҳеро эътироф мекунад, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Барои ҳамин ҳам ӯҳдадории таъминоти моддии якдигарии зану шавҳар, ки қисми 1-и моддаи 90 КО ҶТ пешбинӣ кардааст, танҳо ба зану шавҳари дар никоҳи расмӣ буда дахл дорад. Кӯмаки моддии якдигар аз лаҳзаи бастани ақди никоҳи расмӣ пайдо мегардад, яъне ин тартиб нисбати дар никоҳи воқеӣ набудани зану мард новобаста аз тӯлонӣ будани зиндагии якҷоя татбиқ намегардад. Кӯмаки моддии якдигарии зану шавҳар ба таври ихтиёрӣ ё дар асоси бастани созишномаи пардохти А. анҷом меёбад. Ҳангоми саркашӣ намудан аз дастгирии моддӣ ва набудани созишнома дар бораи пардохти А. байни зану шавҳар қонунгузор тартиби судии пардохти А.-ро пешбинӣ намудааст. Қисми 2 моддаи 90 КО ҶТ шартҳои мушаххасро номбар кардааст, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо ҳуқуқи талаб кардани А. аз ҷониби зан ё шавҳар асоснок мебошад. Пеш аз ҳама, ҳамсари А.-супоранда барои ин мақсад бояд маблағи зарурӣ дош та бошад, чунки расондани кӯмаки моддӣ ба ҳамсари дигар набояд вазъи моддӣ ва таъминоти ӯро ба таври пурра аз ҳади меъёрӣ паст намояд.

Яке аз шартҳои талаб кардани пардохти А. аз ҷониби зан ё шавҳар дар ҳолати ғайри қобили меҳнат ва эҳтиёҷманд будани онҳо пешбинӣ шудааст. Шахси ғайри қобили меҳнат ҳангоми расидан ба синну соли нафақа ва ё маъюби гурӯҳи 1, 2, 3 шудан эътироф мегардад. Эҳтиёҷманд будани зан ё шавҳари ғайри қобили меҳнат дар ҳар як ҳолати мушаххас аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Дар муайян кардани ҳолати нобурда надоштани даромади мустақил (нафақапулӣ, ёрдампулӣ ва ғ.) ва дигар сарчашмаҳои даромад, ки аз он рӯзгузаронии шахс вобастагӣ дорад, таъсир мерасонанд.

Шарти дигари мустақили талаб кардани пардохти А. аз ҳимояи модар ва кӯдак иборат аст. Пардохти А. аз ҳамсари дигар ба ҳомиладории зан ва таваллуди кӯдаки умумӣ вобастагӣ дорад. Зан дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ новобаста аз ғайри қобили меҳнат будан ё набудан ва эҳтиёҷмандӣ ҳуқуқи бо роҳи судӣ талаб кардани пардохти А.-ро дорад. Дар ин маврид мӯҳлати гирифтани А. муайян мебошад. Ҳомиладории зан бо маълумотномаи духтур, таваллуд ва синну соли кӯдак бо шаҳодатномаи таваллуди кӯдак тасдиқ мегардад. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки зану шавҳар дар никоҳи расмӣ мебошанд, яъне дигар далели тасдиқкунанда шаҳодатномаи никоҳ аст. Агар падарӣ бо роҳи ихтиёран эътироф намудан ва аз тариқи судӣ муқаррар карда шавад, он гоҳ чунин модари дар никоҳ набуда ҳуқуқ ба ин намуди А.-ро надорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини волидон таъминоти фарзандонашон мебошад, чунки А. барои кӯдакон воситаи асосии рӯзгузаронӣ аст. Волидони дар никоҳ буда, инчунин падар ва модари кӯдаке, ки никоҳашон бекор карда шудааст, барои таъминоти кӯдакашон ӯҳдадор мебошанд. Ӯҳдадории А.-диҳии падаре, ки кӯдакаш аз зиндагии воқеӣ бо модари ӯ таваллуд шудааст, пас аз муқаррар кардани асоси ҳуқуқии муносибат байни онҳо ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид падарӣ нисбати кӯдак ба таври ихтиёрӣ, ё ин ки бо роҳи судӣ муқаррар карда мешавад. Қонунгузор ба волидон имконияти мустақилона муайян намудани андоза, тартиб ва шакли таъминоти фарзандонашонро додааст. Чунин ба низом даровардани муносибатҳои алиментӣ аз тағйироти куллие, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ вобаста ба гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба вуқӯъ меоянд, вобастагӣ дорад. Пас танҳо бо роҳи императивӣ ҳал намудани ӯҳдадориҳои А.-диҳии волидон барои таъминоти кӯдаконаш дар чунин шароит на ҳама вақт пурра ба манфиати ҳам волидон ва ҳам кӯдакон мебошад. Дар мавриди мустақилона ҳал намудани таъминот ва ихтиёрона ба мувофиқа омадани волидон онҳо метавонанд дар асоси боби 16-и ҳамин КО ҶТ байни худ дар хусуси пардохти А. созишнома банданд. Ҳангоми бастани ин созишнома ҳатман манфиати кӯдак ба эътибор гирифта мешавад. Дар мавриди ба таври ихтиёрӣ аз ҷониби волидон таъмин накардани фарзанд ва байни тарафҳо набудани созишномаи пардохти А., чунин таъминот бо роҳи судӣ аз ҳисоби волидон ба манфиати кӯдакони онҳо рӯёнда мешавад. Тартиби мурофиат ба судро қонуни мурофиавии граждани ба танзим медарорад.

Барои аз ҷониби волидон (яке аз онҳо) ба кӯдакони ноболиғ рӯёндани А. яке аз волидон, васиёну парасторон, маъмурияти муассисаҳои тарбиявӣ ва монанди он, ки кӯдак дар он тарбия меёбад, ҳуқуқи ба суд мурофиат карданро доранд. Мурофиати онҳо дар суд ҳамон вақт дастгирӣ меёбад, ки агар созишномаи пардохти А. набошад. Дар мавриди ҷой доштани созишномаи пардохти А. ва бо ҳар гуна сабаб иҷро нашуданаш созишномаи мазкур эътибори варақаи иҷроро дорад ва маҷбуран иҷро карда мешавад.

Агар доир ба ин созишнома баҳс ҷой дошта бошад, танҳо баъди аз ҷониби суд беэътибор ё бекор эътироф кардани он масъалаи рӯёндани А. ба тариқи судӣ ҳалли худро меёбад.

Дар қисми 4 моддаи 80 КО ҶТ қонунгузор махсус ҳолатҳоеро номбар кардааст, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо мақомоти васоят ва парастории ҳуқуқ доранд нисбати волидон (яке аз онҳо) оид ба рӯёндани А. барои кӯдакони ноболиғ ба суд даъво пешниҳод кунад. Ин ҳолатҳо набудани созишнома оид ба пардохти А., аз ҷониби волидон таъмин накардани кӯдакони ноболиғ, ба суд пешниҳод накардани даъво мебошанд. Мавҷудияти ин се ҳолат дар якҷоягӣ асос шуда метавонад, ки мақомоти васояту парастории ҳуқуқи номбурдаашро анҷом диҳад.

М. Маҳмудов.

АЛИМӢ Ҷумъахон (тав. 28. 6. 1962, ш. Кӯлоб), забоншиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1996). Хатмкардаи фак-ти шарқшиносии УДТ (1986). Ассистент, муаллими калон, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (1986 – 97), соҳибкори хусусӣ (1997 – 99), корманди созмони байналмилалӣ дар ҶТ. Аз с. 2002 роҳбари созмони ғайриҳукуматии «Параллакс» ва ҳамзамон аз с. 2008 ходими илмии Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ. Муаллифи зиёда аз 50 мақолаи илмӣ-тадқиқотӣ ва 500 мақолаи илмиву оммавӣ. А. асосан ба таърихи забон ва номшиносӣ (ономастика, топонимика) машғул аст. Микротопонимияи ҳавзаи Сурхоб, топонимикаи минтақаи Кӯлобро аз ҷиҳати забонӣ тадқиқ намудааст.

Ос.: Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб, Д., 1995; Мавзеъномаи Кӯлоб, Д., 1995; Топонимика (Дастури таълимӣ), Д., 1995. *С. Исматов.*

АЛИНАЗА́РОВА Соибсултон (тав. 28. 2. 1944, ноҳ. Бартанг), актрисаи тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2009), Аълочии фарҳанги СССР (1974). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1964), Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи ш. Москва (1971). Ҳунарпешаи Театри драмаи мусиқии ба номи Рӯдакии ш. Хоруғ (1964 – 66). Аз с. 1971 ҳунарпешаи Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов. Истеъдоди А. аз нахустин симоҳои офаридааш зоҳир гардид. Ролҳои офаридаи А. дорои драматизми амиқ, иродаи бузург ва хусусиятҳои



Алиназарова С.



Алифбекова Б.

нотакроранд. Дар саҳнаи театр як силсила ролҳои ҷолиби драмавӣ, фоҷиавӣ ва романтикӣ офаридааст: Ҷамила («Бой ва хизматгор»-и Ҳ. Ниёзӣ, 1964), Хосият («Хонаи умед»-и А. Сидқӣ, 1964), Лайлӣ («Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар, 1965), Мария Лвовна («Пирии пурзаҳмат»-и Л. Раҳманов, 1970), Дилбар («Ғори аҷинаҳо»-и Г. Сафиева, 1971), Нина («Сафар Амиршоев»-и С. Сафаров, 1972), Ширин («Хусрав ва Ширин»-и Г. Птитсин), Марҷона («Фолбинии Афандӣ»-и А. Баҳорӣ), Сабринисо («Сафар Махсум»-и А. Ҳамдам, 1992), Тӯтӣ («Торҳои муҳаббат»-и Қ. Киром), Оҳу («Олами вуҳуш»-и А. Қодиров, 1998), Оқила («Дар ҷустуҷӯи бахт»-и Ҳ. Нуров), Фаррошхола («Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев) ва ғ. А. дар телевизион низ фаъолият кардааст. Роли Қандалотро дар намоишномаи «Алифбоҷоналифбо» хеле хуб офарид. Барандаи намоишномаҳои «Театр ва бачаҳо» ва «Хоби ширин, хурдтаракон» буд. Дар филми телевизионии «Духтари ҷасур»-и Ш. Қиёмов роли духтари ҷасурро моҳирона бозид. Дар бисёр фестивалу озмунҳо иштирок карда, соҳиби ҷоизаҳо шудааст. Муаллифи драмаи «Навҳаи зан» ва 70 мақола.

Н. Шарипов.

АЛИРИЗО́И ТАБРЕЗӢ, тахалл. «Аббосӣ» (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форс-тоҷик (нимаи дуюми а. 16 – авв. а. 17). Дар Табрез таваллуд ёфта, ҳунари хаттотиро низ ҳамон ҷо аз хаттоти номии давраш Алибеки Табрезӣ омӯхтааст. Хатҳои насх, риқоъ, райҳон, муҳаққақ ва тавқеъро ниҳоят зебою хоно менавиштааст. Ҳангоми аз тарафи туркони Усмонӣ тасхир гардидани Табрез ҷилои ватан карда, ба Қазвин меравад. Шоҳ Аббос А. Т.-ро китобдори китобхонаи дарбор таъйин менамояд (тахалл. «Аббосӣ» аз ҳамин ҷост). Баъд чанд муддат дар Исфаҳон низ зистааст. А. Т. ҳамчунин дар санъати толот (тарзи навишти хатҳои девор, биноҳо, мақбараҳо, сангҳои қабр) низ беназир буда, дар ин навъи санъат Алоуддини Табрезӣ (Атобеки Табрезӣ)-ро устодаш хондааст. А. Т. чандин биноҳои ш. Исфаҳон (аз ҷумла Масҷиди Шайх Лутфуллоҳ, 1603 – 04; Масҷиди Шоҳ, 1617) ва Машҳадро (Мақбараи Имом Ризо, 1615; санги қабри Хоҷа Рабеъ, 1617) низ бо хати зебояш оро додааст. Хати настаълиқи А. Т. ниҳоят зебою хоно буда, услубан ба хати Миралии Ҳиравӣ наздик аст. Ҳоло чандин китобҳои ба дасти А. Т. китобатшуда дар Китобхонаи давлатии ба номи Салтиков-Шедрини ш. Санкт-Петербург маҳфузанд, ки намунаҳои беҳтаринашон «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозиянд. А. Т. Қуръонро низ китобат мекард. Қозӣ Аҳмад дар «Гулистони ҳунар» ба санъати А. Т. баҳои баланд дода, ӯро «Сайрафии сонӣ» номидааст.

Л. Бойматов.

«АЛ-ИСЛО́Ҳ», маҷаллаи таърихӣ-адабии динӣ, ки с-ҳои 1915 – 18 ба забони туркии чиғатоӣ дар Тошкент чоп мешуд. Дар як моҳ ду бор ба табъ мерасид. Аввал ношираш Абдурраҳмон Содиқ (Сайёҳ), сонӣ Аскархон Паҳлавон буданд. «А» дини исломро ситоиш ва идеологияи онро дастгирӣ мекард. Дар арафа ва солҳои Инқилоби Октябр «А» минбари пантуркизм буд.

АЛИСУРХО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Сангвори ноҳ. Тавилдара. Аз А. то маркази ноҳия 59 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 109 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва занбӯриасалпарварӣ. Заминҳо аз дарёчаи Алисурхон обёрӣ мешаванд.

АЛИТО́К, ангури сиёҳ, навъе аз ангурҳои миёнсолии маҳаллӣ; селексияи халқист. Токаш зудсабз, навдаҳояш ғафси дорчинӣ, баргаш миёнаҳаҷм ё калон, гирдаи панҷпарра, чоки байни парраҳояш чукур, рӯяш суфтаи ҷилодор ё чин-чини тӯр-тӯр ва бепашмак. Гулаш дучинса, хӯшааш калон (дарозиаш 20 – 30 см, бараш 15 – 20 см, вазнаш 465 – 490 г)-и махрутшакл, шингилҳои болояш инкишофёфта. Ғужбаш зич, миёнаҳаҷм, дарозрӯя ё байзашакли нӯгборик, рангаш бунафши сурхча (баъди пурра пухтан бунафши сиёҳтоб мешавад). Ғафсии ғужмаш миёна, мумпардааш ғафс, гӯшташ хамираки сероб, ширину хуштаъм, бӯи хоса дорад. Баъди пурра пухтан, дар таркибаш то 24 % қанд ва 4,8 – 5,3 г/л ҷавҳар мавҷуд аст. Давраи нашваш 145 – 160 рӯз; нимаи май гул карда, нимаи авг. мепазад. Асосан барои тарҳӯрӣ ва майкашӣ

истифода мебаранд. Ҳангоми хушконидан 24 – 25 % мавизи пастсифат ҳосил мешавад. Токаш тез ба ҳосил медарояд, 22 – 28 фоизи навдаҳояш самаровар. Дар вақти 8 – 7 буғум монда буридани навдаҳояш ҳосили хуб медиҳад. Махсусан дар хокҳои ҳосилхезу сернам нағз нашъунамо мекунад. Ба хушкӣ ва сармо чандон тоб надорад. Ҳоло А. хеле кам мондааст. Кундаҳои чудогонаи токаш дар токзори кӯҳнабунёди деҳаҳои Майкатта, Каттақишлоқ, Чимқӯрғони ноҳ. Панҷакент ва деҳаҳои атрофи ш. Самарқанд дучор меояд. Аз касалии гарда, қарасон ва баргпечонаки хӯшаи ток зарар мебинад.

Ад.: Ампелография СССР. Малораспространённые сорта винограда, т. 1, М., 1963; Каталог сортов винограда, Кишинев, 1976.

Ҳ. Маҳмадқулов.

АЛИФ (ا) ҳарфи якуми алифбои арабӣ ва алифбои арабии форсии тоҷикӣ. Дар *хати финиқӣ* ин ҳарф «алеф» ном дошт ва маъноияш «гов» аст. Сипас ба *хати оромӣ* гузаштааст. Сарчашмаи аслии А. хатиёти Мисри Қадим (ҳазорсолаи II – I то м.) мебошад. Дар алифбои арабӣ ва арабии форсии тоҷикӣ ҳарфи мунфасила аст: бо мунфасилаҳо чудо навишта мешавад (روا – раво) ва бо муттасилаҳо чунин тарзи навишт дорад: пеш аз онҳо чудо (اثر – асар) ва пас аз онҳо якҷоя (احتیاط – эҳтиёт). А. дар забони тоҷикӣ дар аввали калима садонокҳои «а» (нӯгизабонии фарохи ғайрилабӣ) – اگر (агар), انجام (анҷом); «и» нӯгизабонии камфарохи ғайрилабӣ – امروز (имрӯз), امداد (имдод); «у» (пасизабонии камфарохи лабӣ) امید (умед), امت (уммат); «э» (нӯгизабонии нимфарохи ғайрилабӣ) – احسان (эҳсон), احترام (эҳтиром); «ӯ» (миёнизабонии нимфарохи лабӣ) – اماچ (ӯмоч), اهبت (ӯҳбат) ва дар мобайну охири калима овози «о» (пасизабонии нимфарохи лабӣ)-ро دارا (доро), سار (Соро) ифода мекунад. Агар дар аввали калима ба болои А. аломати آ (мадд//мадда) гузошта шавад, А. садоноки дарози «а» (дар талаффузи тоҷикӣ «о») хонда мешавад: آدم (одам), آزاد (озод). Дар мобайни баъзе калимаҳои забони арабӣ ба болои А. аломати мадда мегузоранд ва он «а»-и дароз «о» хонда мешавад. Ин ҳодиса дар ҳолатест, ки А. баъди ҳарфи сокин биёяд. Мас., الآن (алъон) ва ғ. Агар дар мобайни калима ба А. аломати сокин афтад, ҳамза мегирад: تأریخ (таърих), مأموریت (маъмурият). Дар *Абҷад* қимати ададиаш ба 1 баробар аст.

Ад.: Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965.

М. Қосимова, В. Капранов.

АЛИФБЕКОВА Бегимсултон (15. 5. 1921, деҳаи Емс, ноҳ. Рӯшон – 20. 6. 1983, ш. Хоруғ), актриса ва сароянда тоҷик. Артисти халқии РСС Тоҷ. (1974). Яке аз нахустин актрисаҳо ва сароянда гони намоёни сурудҳои халқии тоҷикӣ дар ВМКБ. Хатмкардаи Мактаби мусиқии ш. Сталинобод (1937) ва Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскийи ш. Москва (1943). Аз с. 1943 то ох. умраш дар Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Рӯдакии ш. Хоруғ кор кардааст. Дар тӯли фаъолияти эҷодиаш дар театр зиёда аз 164 рол бозида, қариб 80 суруди гуногунмазмуну мухталифоҳанг сароидааст. Мувофиқати зоҳирӣ ба образ ва ҳамрангии ботинӣ бо он аз хусусиятҳои хоси ҳунари А. дар саҳнаи театр мебошанд. Беҳтарин ролҳояш: Гулқурбон («Тошбек ва Гулқурбон»-и М. Миршакар), Саодат («Гулҳои сиёҳ»-и Соҳиб Ҷамол), Зумрад («Дил дили Зайнаб»-и Ш. Қиёмов), Тӯтихонум («Чанори гӯё»-и С. Саидмуродов), Салтанат («Пагоҳ тӯй»-и С. Ғанӣ), Жаклина («Табиби зӯракӣ»-и Ж. Молйер), Мария Клер («Аз паси фронти 2-юм»-и В. Сабко) ва ғ. А. ғайр аз сурудҳои тоҷикӣ, сурудҳои дигар халқҳои собиқ ИҶШС-ро низ моҳирона иҷро мекард. Бахусус дар иҷрои «Частушка»-ҳои русӣ ва сурудҳои ҳаҷвӣ маҳорати нотакрор дошт. Дар байни ҳаҷвияҳояш сурудҳои зайл машҳуранд: «Ароба» (шеъри Б. Раҳимзода), «Булҳавас» (шеъри А. Баҳорӣ), «Ҳавобаланд» (шеъри Ф. Ансорӣ), «Носкаш» (шеъри Махтумқулӣ), «Домод бошад, чӣ сон бошад» (шеъри М. Ҳайдаршо) ва ғ. А. дар бадеҳасароӣ низ маҳорати баланд дошт. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. *Б. Раҳматов.*

АЛИФБО́ (аз номи ду ҳарфи алифбои арабӣ – «алиф» ва «бо»), маҷмӯи аломатҳои системаи хат, ки дар забон барои сабти овозҳо ба кор бурда мешаванд ва ба тартиби муайян пайиҳам меоянд. Ҳамчунин дар радифи калимаи «Алифбо» калимаи «Алфавит» маъмул аст, ки аз номи ду ҳарфи алифбои юнонӣ «алфа» ва «бета» (дар давраи миёнаи таърихи забони юнонӣ ин ҳарф «вита» ном дошт) гирифта шудааст. А. маъмулан дар ду шакл роиҷ аст: 1) А.-и иборат аз ҳарфҳои ҳамсадо – ҳамсадоӣ; 2) А.-и иборат аз ҳарфҳои садоноку ҳамсадо – садоноку ҳамсадоӣ. А.-и ҳамсадоӣ фақат аз аломатҳои ифодакунандаи ҳамсадоҳо иборат аст. Садонокҳо дар ин навъи А. бо аломатҳои диакритикӣ (мас., ҳаракатҳои забар, пеш, зер – фатҳа, замма, касра дар алифбои арабӣ) ифода карда мешаванд. Дар А.-и садоноку ҳамсадоӣ аломатҳо барои ифодаи ҳарфҳои садоноку ҳамсадо мавҷуданд. Дар миёни забонҳои ҷаҳон А.-и ҳиҷоӣ низ вомехӯрад. Мас., дар А.-и забони абугидӣ як навъ хати ҳиндӣ маъмул аст, ки як аломат метавонад як ҳиҷоро ифода бикунад. А.-ҳои маъмул дар забонҳои муосири дунё аз рӯи шумораи аломатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мас., А.-и забони кхмерӣ аз 72 аломат, А.-и забони ротокасҳо (маъмул дар Гвинеяи Нав) аз 12 аломат иборат аст. Қадимтарин А. дар ш. Эбла (Шим. Сурия) тақр. дар ҳазораи сеюми то м. мураттаб гардидааст, ки он А.-и ҳиҷоии мехӣ (аломатҳояш ба шакли мех) буд. Аз А.-и ҳиҷоии мехӣ дар забони форсии қадим, дар Катибаҳои Ҳахоманишиён – Катибаи Бесутун (а. 6 – 4 то м.) истифода шудааст. Инчунин яке аз А.-ҳои қадимтарин А.-и финиқиён аст, ки дар асоси он А.-и оромӣ ва юнонӣ мураттаб гардидааст. Дар асоси А.-и оромӣ А.-ҳои арабӣ, забони форсии миёна (паҳлавӣ), авестоӣ, суғдӣ ва ғ. мураттаб гардидаанд. А.-и забони авестоӣ, ки дар замони Сосониён мураттаб гардидааст, аз 48 аломат, 44 овоз ва 3 лигатура (ҳарфҳо – аломатҳои ба ҳам часпида) иборат буд. Густурдатарин А.-ҳо дар ҷаҳони имрӯза *Алифбои лотинӣ, Алифбои арабӣ* ва *Алифбои русӣ* мебошанд.

Ад.: Дирингер Д., Алфавит, М., 1963; Гамкрелидзе Т. В., Происхождение и типология алфавитной системы письма, маҷ. «Вопросы языкознания», 1988, № 5 – 6; The word's writing Systems / Eds. Daniels P. T., Bright W., New York, 1996; Йетс Фрэнсис, Искусство памяти, СПБ, 1997.

З. Мухторов.

«АЛИФБО́», китоби аввалини дарсӣ, ки таълими савод аз он сар мешавад, дастури таълимӣ барои донишомӯзӣ. Дар мактабҳои кӯҳнаи тоҷикӣ (асрҳои миёна) вазифаи «А.»-ро китоби дарсии «Ҳафтяк» (аз ҳафт як қисми Қуръон) анҷом медод, баъзан аз китоби «Қоидаи бағдодӣ» низ истифода мебурданд. Пас аз ташкили мактабҳои усули нав дар Осиёи Миёна китобҳои дарсии «Устоди аввал» (муаллиф Саидрасул Саидазиз, 1902), «Баён-ул-ҳуруф» (муаллиф Саид Аҳмади Васлӣ, 1903), «Асбоби савод» (муаллиф Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, 1905), «Роҳнамои савод» (муаллиф Ҳочимуин Шукруллозода, 1905) «Таълими Алифбо» ё «Роҳбари мактаб»

(муаллиф Раҳматуллозода, 1913) ва ғ. ба табъ расидаанд.

Таълифи «А.» хусусан аз с-ҳои 20 а. 20 авҷ мегирад, ки дар мактабҳои Самарқанд, Тошканд ва Москва чоп шудаанд. Чунончи, «А.»-и Саидризо Ализода «Соли нахустин» с-ҳои 1920 – 25 се маротиба ба табъ расидааст, инчунин «Мифтоҳи таълим»-и Собит Мирзомуҳаммадзода (1922), «Алифбои забони тоҷикӣ»-и Нисор Муҳаммад (1924), «Алифбои тоҷикӣ»-и Мазҳар Бурҳон ва Сад- риддин Киром (1925) ва ғ. мавриди истифода қарор гирифтанд. Соли 1928 «Баҳори дониш» ва «Алифбои тиллоӣ»-и Фаридун, с. 1929 «Соли аввал» (гурӯҳи муаллифон), с. 1930 «Алифбои меҳнат ва дониш»-и Любенсев ва Бектош, с. 1931 «Алифбои аввал»-и Любенсев ва Раҳим Ҳошим, с. 1932 «Донишу кор»-и Толиб Саидзода нашр гардиданд. 12 февр. 1933 Қарори КМ ВКП (б) «Дар бораи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» баромад, ки ба рушди минбаъдаи мактабу маориф мусоидат намуд. Соли 1933 «Алифбо»-и Ҳилол Каримов ба нашр расид ва бо баъзе тағйироти ҷузъӣ то с. 1985 хидмат кард. Давоми ин солҳо дар мактабҳои шӯравӣ тағйироти сохторӣ ба амал омад ва назарияи алифбонигорӣ ҳам дигаргунӣ тақозо менамуд. Ин аст, ки с. 1985 «Субҳи дониш»-и М. Лутфуллоев (барои бачаҳои 6-сола), инчунин «Алифбо»-и ҳамин муаллиф чоп шуд ва 15 сол хидмат намуд. Соли 2001 «Алифбо» (муаллифон М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев) ба нашр расид, ки то ба ҳол дар хидмати хонандагон аст. Он ба чанд хусусият аз алифбоҳои гузашта фарқ мекунад. Дар китоб ягонагию ҳамоҳангии вазифаҳои таълиму тарбия, хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хурдсол, инкишоф ва пешрафти имрӯзаи илми забоншиносии тоҷик ва методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ ба назар гирифта шудааст. Муаллифон аз адабиёти бадеии бачаҳо ва эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик фаровон истифода бурдаанд, ба нақша ва аломатҳои шартӣ дар таълим таваҷҷӯҳи хос зоҳир намудаанд.

М. Лутфуллоев.

АЛИФБО́И АРАБӢ, алифбоест, ки аз он дар забони арабӣ истифода мешавад. Дар асоси алифбои оромӣ, ки сарчашмааш алифбои финиқист, пайдо шудааст. Аз тарафи рост ба чап навишта мешавад. Такр. дар а. 4 ташаккул ёфтааст. Дар оғози пайдоиш

Дар охири калима	Дар миёнаи калима	Дар аввали калима	Шакли алоҳида	Номи ҳарф	Муодили ҳарф дар алифбои имрӯзаи тоҷикӣ
ـا	ـا	ا	ا	Алиф	а, и, у, э, о
ـب	ـبـ	بـ	ب	Бо	б
ـت	ـتـ	تـ	ت	То	т
ـث	ـثـ	ثـ	ث	Со	с
ـج	ـجـ	جـ	ج	Ҷим	ҷ
ـح	ـحـ	حـ	ح	Ҳо	ҳ
ـخ	ـخـ	خـ	خ	Хо	х
ـد	ـد	د	د	Дол	д
ـذ	ـذ	ذ	ذ	Зол	з
ـر	ـر	ر	ر	Ро	р
ـز	ـز	ز	ز	Зайн	з
ـس	ـسـ	سـ	س	Син	с
ـش	ـشـ	شـ	ش	Шин	ш
ـص	ـصـ	صـ	ص	Сод	с
ـض	ـضـ	ضـ	ض	Зод	з
ـط	ـطـ	طـ	ط	То иткӣ	т
ـظ	ـظـ	ظـ	ظ	Зо изгӣ	з
ـع	ـعـ	عـ	ع	Айн	(ъ)
ـغ	ـغـ	غـ	غ	Ғайн	ғ
ـف	ـفـ	فـ	ف	Фо	ф
ـق	ـقـ	قـ	ق	Қоф	қ
ـک	ـکـ	کـ	ک	Коф	к
ـل	ـلـ	لـ	ل	Лом	л
ـم	ـمـ	مـ	م	Мим	м
ـن	ـنـ	نـ	ن	Нун	н
ـه	ـهـ	هـ	ه	Ҳо ҳавваз	ҳ
ـو	ـو	و	و	Вов	в
ـی	ـیـ	یـ	ی	Йо	й

дорои 17 аломат буд. Баъдан барои пурра ифода намудани овозҳои дар Қуръон мавҷуда шумораи ҳарфҳо ба 27 ва андаке баъдтар ба 28 расонда шуд. А. а. ҳамсадоист. Танҳо барои се садоноки дароз графемаҳои алиф (ا), вов (و) ва йо (ی) мавҷуданд. Овозҳои садонок бо аломатҳои диакритикии фатҳа/забар («а»-и кӯтоҳ), касра/зер («и»-и кӯтоҳ), замма/пеш («у»-и кӯтоҳ) ишора карда мешаванд. Дар А. а. инчунин аломатҳои иловагии ҳамза (ء), тои марбута (ة) ва алифи мақсура (ٰ) мавҷуданд, ки дар навишт аҳамият доранд. Баъзе калимаҳо مهمّد (Муҳаммад (с), номи паёмбари ислом), Аллоҳ (الله), ﻻ (ломалиф) лигатура доранд. Ҳарфҳои А. а. аз рӯи шакли навишт ва ба ҳам васл шуданашон ба ду гурӯҳ – ҳарфҳои муттасила ва ҳарфҳои мунфасила ҷудо мешаванд. Ҳарфҳои муттасила чаҳор шакл дошта, мавридҳои дар аввалу миёна ва охири калима омадан ба ҳарфҳои дигар васл мешаванд, ҳарфҳои мунфасила ду шакл доранд: бо ҳарфҳои пас ва худ оянда ва ҳамчунин бо ҳамшаклҳои худ васл намешаванд. Тарзи навишти ҳарфҳои А. а. ба-д-ин қарор аст:

Ҳарфҳои со (ث), ҳо (ح), зол (ذ), сод (ص), зод (ض), то (ط), зо (ظ) дар забони арабӣ талаффузи махсус доранд. Дар забони тоҷикӣ онҳоро бо овозҳои шабеҳи имрӯзаи тоҷикӣ талаффуз мекунанд. Дар А. а. шумораҳо аз тарафи чап ба рост навишта мешаванд: 0 – ٠, 1 – ١, 2 – ٢, 3 – ٣, 4 – ۴, 5 – ۵, 6 – ۶, 7 – ٧, 8 – ٨, 9 – ٩.

Аз А. а. дар кишварҳои арабизабон чун Алҷазоир, Арабистони Саудӣ, Ироқ, Миср, Лубнон, Либия, Тунис, Марокаш, Судан, Яман, кишварҳои дигари Осиё чун ҶИЭ, Афғонистон, Индонезия (аз ох. а. 19 то с. 1945), Туркия (то с. 1928), Хитой (уйғурҳои музофоти Синтесзян), мардумони Осиёи Марказӣ ва Қафқоз аз қабили тоҷикон (аз а. 8 то с. 1929), ӯзбекҳо, қазоқҳо, туркманҳо, озарбойҷониҳо, тоторҳо ва дигарон истифода мебурданд. А. а. ҳусн ва тарзи навишти зебо дорад. Дар навишти А. а. навъҳои гуногуни хат – кӯфӣ, муҳаққақ, райҳонӣ, сулс, насх, настаълиқ, тавқеъ, риқоъ, девонӣ (хати шикаста) ва ғ. пайдо шудаанд.

Ад.: Лоукотка Ч., Развитие письма, М., 1950; Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965; Ковалев А. А., Шарбатов В. С., Учебник арабского языка, М., 1999.

З. Мухторов.

АЛИФБО́И БУРИДА́, алифбои ҳаракаткунанда, асбоби аёнӣ барои таълими савод дар синфи як. Барои он алифбои бурида меноманд, ки ҳарфҳоро бурида, дар кисаи ҳарфҳо (ҳарфмонакҳо) ҷо ба ҷо мегузоранд. Талаба аз рӯйи супориши муаллим ҳарфҳои даркориро гирифта, калима тартиб медиҳад. Барои он ҳаракаткунанда меноманд, ки онҳоро аз як ҷо гирифта ба ҷойи дигар мегузоранд. Яъне, аввал як калимаро тартиб дода, пас аз он ҳарфҳоро аз нав гирифта калимаи дигар тартиб медиҳанд. А. б. аз маҷмӯи хоначаҳои

чоргӯша иборат аст, ки дар ҳар яки он як ҳарф чоп карда шудааст. Ҳар ҳарф якчанд нусха дошта, аз онҳо дар давраи алифбоомӯзӣ истифода мебаранд. Аксарияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар нимсолаи дуюми таҳсил низ аз А. б. истифода мекунанд. А. б. дар мавриди навишти ҳарфҳо, таҳлили таркиби калима, сохтану тағйир додани калима, ҳангоми тайёрӣ ба навиштан истифода мешавад. А. б. аз рӯйи ҳаҷми ҳарфҳо ду хел мешавад: 1) ҳарфҳои ҳаҷман калон барои мустақилона кор кардани муаллим бо тамоми синф; 2) ҳарфҳои ҳаҷман хурд, ки барои мустақилона кор кардани хонандагон пешбинӣ шудаанд. *М. Лутфуллоев.*

АЛИФБӮИ ЛОТИНӢ, алифбое, ки дар ибтидо аз он барои сабти овозҳои забони лотинӣ истифода шудааст. Асоси А. л.-ро алифбои этруссӣ ташкил мекунад, ки он яке аз навъҳои алифбои юнонии ғарбӣ ба шумор мерафт. Пайдоиши А. л. ба а-ҳои 8 – 7 то м. нисбат дода мешавад, вале қадимтарин осори хаттии А. л. ба а-ҳои 6 – 4 то м. тааллуқ дорад (катибаи Форуми Рим – а. 6 то м.). То а. 4 то м. А. л. аз тарафи рост ба чап навишта мешуд. Аз ин сана ба баъд тарзи навишти аз чап ба рост маъмул гардид. Дар тӯли таърихи мавҷудият ва инкишофаш ба А. л. ҳарфҳои нав илова гардиданд. Шумораи ҳарфҳо аз 20 ба 23, баъдан ба 25 расонда шуданд. Ҳарфи W аз алифбои қадими англисӣ ба А. л. илова карда шуд ва шумораи умумии ҳарфҳои А. л., ки имрӯз маъмул аст, ба 26 расид. Ҳарфҳои А. л. бо номҳояшон ба-д-ин қароранд:

A a	а	N n	эн
B b	бэ	O o	о
C c	тсе	P p	пе
D d	де	Q q	кю
E e	э	R r	эр
F f	эф	S s	эс
G g	ге	T t	те
H h	ҳа	U u	йу
I i	и	V v	ве
J j	йот	W w	даблю
K k	ка	X x	икс
L l	эл	Y y	игрек (ипсилон)
M m	эм	Z z	зета

Дар давраи римии А. л. 4 тарзи навишт – катибавӣ, унсиалии наҷускулӣ, нимунсиалии ба минускул наздик, тезнавис (курсив)-и маҷускулӣ маъмул буданд. Дар а. 8 А. л. як тарзи навишт – минускули каролингӣ дошт. Дар асрҳои миёна тарзҳои гуногуни навишти маҳаллӣ: меровингӣ (дар Галлия ва қисман Германия), лангбардӣ (дар Италия), вестготӣ (дар Испания), англосаксонӣ (дар Ирландия) мавҷуд буданд. Тарзи готии навишти А. л. дар а-ҳои 12 – 13 дар Германия ва Франсия пайдо шуда, дар тамоми Европаи Ғарбӣ (ба истиснои Ирландия) то пайдо шудани тарзи нави навишти ба минускули каролингию унсиали китобии римӣ наздик, маъмул буд. Ҷудо навиштани калимаҳо дар а. 15 ба роҳ монда шуд. Аз А. л. дар навишти забонҳои романӣ, келтӣ, балтӣ ва германӣ, гурӯҳи забонҳои славянии ғарбӣ, қисме аз забонҳои слав янии шаркӣ, баъзе забонҳои финӣ-угорӣ, забонҳои туркӣ, албанӣ, баскӣ индонезӣ, вйетнамӣ ва ғ. истифода мебаранд. Дар забони тоҷикӣ с-ҳои 30 – 40 а. 20 аз А. л. истифода шудааст. Соли 1940 ба ҷойи он алифбои русӣ мустаъмал гардид. Имрӯз А. л. асоси овонавиштҳои (транскрипсияҳои) илмии ҷаҳон, аз ҷумла транскрипсияи байналхалқии эронӣ барои забонҳои эронӣ дар илмҳои филология мебошад. Алифбоҳои забонҳои сунъӣ – эсперанто, интерлингва ва идо дар асоси А. л. сохта шудаанд. А. л. дар фазои иттилооти электронӣ ва технологияи компютерӣ дар низоми Unicode яке аз густурдатарин алифбо мебошад.

Ад.: Тронский И. М., Историческая грамматика латинского языка, М., 1960; Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965; Лингвистический энциклопедический словарь, М., 1990. *З. Мухторов, Т. Хаскашев.*

АЛИФБӮИ РУСӢ (кириллӣ), алифбои забони русӣ, ки дар шакли имрӯзаи худ (2011) аз 33 ҳарф – 10 садодор, 20 ҳамсадо, нимсадои «й» ва ду аломат – сакта («ъ») ва нарм («ь») иборат аст:

А а, Б б, В в, Г г, Д д, Е е, Ё ё, Ж ж, З з, И и, Й й, К к, Л л, М м, Н н, О о, П п, Р р, С с, Т т, У у, Ф ф, Х х, Ц ц, Ч ч, Ш ш, Щ щ, ъ, Ы ы, ь, Э э, Ю ю, Я я.

Алифбои русиро бародарон Кирилл ва Мефодий с. 863 бо фармони император Михаили III дар асоси алифбои юнонӣ (шохаи византиягӣ) тартиб додаанд. Мураттабсозии А. р. ба густариши дини насронӣ, тарҷумаи китобҳои динӣ ба забони славянии қадим вобаста аст. Дар а. 10 забони славяни қадим бо алифбои тартибдодаи Кирилл ва Мефодий забони расмии калисои Руси Киев гардид. Дар асоси А. р. (кириллӣ) алифбоҳои забонҳои дигар славянӣ аз қабили белорусӣ, булғорӣ, македонӣ сербӣ, украинӣ, черногорӣ ва ғ. дар даврони гуногуни таърихӣ мураттаб шудаанд. Шумораи ҳарфҳои А. р. 43-то буданд. Дар а-ҳои 17 – 18 (дар замони ҳукмр. Пётри I), ибт. а. 20 (с-ҳои 1917 – 18; пас аз Инқилоби Октябр) дар А. р. ислоҳот сурат гирифтанд ва шумораи ҳарфҳо ба 33-то расонда шуд. Аз А. р. тақр. 10 % аҳолии дунё – украинҳо, белорусҳо, македониҳо, булғориҳо, сербҳо, хорватҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва дигарҳо дар забони худ истифода мебаранд. Дар забони тоҷикӣ А. р. с. 1940 қабул гардид.

Ад.: Сказания о начале славянской письменности, М., 1988; Истрин В. А., 1100 лет славянской азбуки, М., 1988; Русский язык. Энциклопедия, М., 2007. *З. Мухторов, Т. Хаскашев.*

АЛИФБӮИ ТОҶИКӢ, алифбои иборат аз ҳамсадоҳову садонокҳо (консонантию вокалӣ), ки дар асоси *алифбои русӣ* (кириллӣ) с. 1940 дар забони тоҷикӣ қабул гардид. Тоҷикон ва халқиятҳои дигари эронӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз алифбо ва хатҳои гуногун (мехӣ, оромӣ, авестоӣ, паҳлавӣ – форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, арабӣ ва ғ.) истифода кардаанд. *Алифбои арабӣ* дар забони тоҷикӣ аз миёнаи а. 8 мавриди истифода қарор гирифта, то с. 1929 идома ёфт. Азбаски 28 ҳарфи алифбои арабӣ барои ифодаи ҳамаи овозҳои дар забони тоҷикӣ мавҷуд буда басанда набуданд, забоншиносони тоҷик 4 ҳарфи дигар (п, ч, ж, г) бо илова кардани нуқта ва хатча ба алифбои арабӣ (бо, ҷим, зо, гоф) афзуданд ва шумораи ҳарфҳоро ба 32 расонданд. Ин алифбо – алифбои арабии форсии тоҷикӣ, ё ин ки алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ 1400 сол дар хидмати забони тоҷикӣ қарор дошт. Аз с-ҳои 1929 – 30 то с. 1940 дар забони тоҷикӣ аз *алифбои лотинӣ* истифода шудааст. Ҳарфҳои ин алифбо низ барои ифодаи тамоми овозҳои забони кофӣ набуданд. Барои ифодаи овозҳои ж, ӣ, ӯ, ч ба ҳарфҳои лотинӣ аломатҳои болоиҳарфӣ ва поёниҳарфӣ илова карда шуданд ва ҳарфҳои ифодакунандаи овозҳои мазкур ба миён омаданд. Барои ифодаи овози «айн» (ʕ) ва ҳамза (ʔ) аломати апостроф (’) қабул шуд. Соли 1940 аз 33 ҳарфи алифбои русӣ ба алифбои тоҷикӣ 31 ҳарф ворид гардиданд (ҳарфҳои Щ ва Ы) қабул нашуданд. Ин ҳарфҳо соли 1954 ба алифбои забони тоҷикӣ дохил гардиданд. Барои ифодаи овозҳои хоси

тоҷикии ғ, ӣ, қ, ӯ, ҳ, ҷ, ки дар алифбои русӣ аломати графикӣ надош танд, ба воситаи ишоратҳои махсус ҳарфҳои нав сохта шуданд. То қабул шудани «Имлои забони тоҷикӣ» (3 сент. 1998) дар забони тоҷикӣ 39 ҳарф вуҷуд дошт. Мувофиқи талаботи имлои мазкур аз А. т. 4 ҳарф (Ц, Щ, Ь, Ы), ки ба табиати забони тоҷикӣ бегона буданд, хориҷ карда шуданд ва шумораи ҳарфҳои А. т. ба 35-то расид. Инчунин мувофиқи талаботи имлои қабулгардида дар тартиби А. т. ва номи ҳарфҳо тағйирот ба амал омад (ҳарфҳои ҳамгун – ҳаммонанд – г – ғ, к – қ, х – ҳ, ч – ҷ, у – ӯ, и – ӣ пайи ҳам оварда шуданд, номи ҳарфҳо низ тоҷикӣ шуд: ле, ме, не, пе, ре, се, те, фе, хе, че).

35 ҳарфи А. т. бо тартиб ва номҳояшон, бо навишти чопӣ ва дастнависашон бад-ин қароранд:

А а	*А а*
Б б	*Б б*
В в	*В в*
Г г	*Г г*
Ғ ғ	*Ғ ғ*
Д д	*Д д*
Е е	*Е е*
Ё ё	*Ё ё*
Ж ж	*Ж ж*
З з	*З з*
И и	*И и*
Ӣ ӣ	*Ӣ ӣ*
Й й	*Й й*
К к	*К к*
Қ қ	*Қ қ*
Л л	*Л л*
М м	*М м*
Н н	*Н н*

О о	*О о*
П п	*П п*
Р р	*Р р*
С с	*С с*
Т т	*Т т*
У у	*У у*
Ӯ ӯ	*Ӯ ӯ*
Ф ф	*Ф ф*
Х х	*Х х*
Ҳ ҳ	*Ҳ ҳ*
Ч ч	*Ч ч*
Ҷ ҷ	*Ҷ ҷ*
Ш ш	*Ш ш*
Ъ ъ	*Ъ ъ*
Э э	*Э э*
Ю ю	*Ю ю*
Я я	*Я я*

Ад.: Афсаҳов А., Хат ва пайдоиши он, Д., 1994; Имлои забони тоҷикӣ, Д., 1999.

Т. Хаскашев, Ш. Бобомуродов.

АЛИФДО́Ғ, доғест, ки бо сурати алиф ба рони асп гузошта мешавад. Ниг. низ *Тамға.*

АЛИЧӮ́Р, Аличӯл, калонтарин ва ҳамвортарин водӣ дар Помири Шарқӣ. Дар баландии 3794 – 4000 м аз с. б. дар байни қ-кӯҳҳои Аличури Шимолӣ ва Аличури Ҷанубӣ воқеъ аст. Аз ағбаи Найзатош то Яшилкӯл қариб ба 90 км тӯл мекашад. Бараш 2 – 18 км. Сатҳаш асосан ҳамвор, бо шағалу сангреза (моренаҳои қадима) ва қабати хок пӯшида шудааст. Кӯҳҳои атроф аз сатҳи водӣ то 1000 – 1500 м баланд буда, кӯҳдоманҳо ба водӣ мойланд. Аз водӣ д. Аличур ҷорӣ шуда, ба Яшилкӯл мерезад. Дар водӣ ва нишебиҳои кӯҳ ба ғайр аз растаниҳои хӯшадори даштӣ, ҳамчунин буттаҳои явшон ва хорсангҳо мерӯянд. Дар А. кӯлҳои Яшилкӯл, Сассиққӯл, Оқбалиқ ҷой гирифтаанд. Иқлими А. тобистон салқини хушк (ҳарор. миёнаи июл 8 – 12°С), зимистон хунуки бардавом ва камбарф (ҳарор. миёнаи янв. –16 –20°) аст. Боришоти солона аз 100 мм камтар мебошад. Маҳалҳои аҳолинишин – деҳаҳои Аличур ва Оққар. Ин деҳаҳо назар ба дигар деҳоти водии Помири Шарқӣ камнуфустаранд. Дар маркази водӣ ёдгории таърихии а. 19 – мақбараи Бошгунбаз воқеъ аст. Ҳамчунин катибаҳои рӯи санг, ки дар саргаҳи водӣ ёфт шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки дар А. одам аз замонҳои қадим маскун будааст. Аз водӣ роҳи мошингарди дорои аҳамияти байналхалқии Ӯш – Хоруғ мегузарад. А. барои парвариши кӯтос ва гӯсфанд чарогоҳҳои мусоиду мувофиқ дорад.

АЛИЧӮ́Р (аслаш Аличӯл), дарё дар Помири Шарқӣ, болооби д. Ғунд. Дарозиаш 296 км, масоҳ. ҳавзааш 13700 км². Саробаш пиряхҳои шарқии қ-кӯҳи Аличури Ҷанубӣ. Болооби А. Ғурумдӣ ном дорад. А. аз водии фарохи Аличур, аз байни соҳилҳои ботлоқӣ ҷорӣ шуда, ба Яшилкӯл мерезад. Дар водии Аличур марғзорҳои ботлоқӣ ва кӯлҳои хурд мавҷуданд. Ба А. шохобҳои бисёр ҳамроҳ мешаванд. Шохоби калонтарини он Пахналчилға (дарозиаш 27 км) мебошад. А. ҳангоми ба Яшилкӯл рехтан *делта* ҳосил мекунад. Давраи серобӣ – июл, авг. (сарфи об 340 м³/с), камобӣ – янв. – февр. (сарфи об 28 м³/с).

Х. Абдуров.

АЛИЧӮ́Р, (аслан Аличӯл), деҳа дар ҷамоати деҳоти Аличури поён. Мурғоб. Дар сари роҳи автомобилгарди Ӯш – Хоруғ воқеъ аст. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Мурғоб 106 км, то ш. Хоруғ 200 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1202 нафар (2009), асосан қирғизҳо, инчунин тоҷикон. А. мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобхона, маркази саломатӣ, хонаи фарҳанг, ошхона ва 7 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: чорводорӣ. Заминҳо аз дарёчаи Аличур обёрӣ мешаванд.

АЛИЧӮ́Р, Аличӯл, қабристони қадимаест дар яке аз водиҳои калонтарини Бадахшон – водии Аличӯл. Қабристон гувоҳ аст, ки дар ин минтақа аз замонҳои хеле қадим одамон маскун будаанд. Дар резишгоҳи д-ҳои Чулоқтакка, Оқчилға, Қабриған ва ғ. бошишгоҳи одамони асри санг (ҳазорсолаи 9 – 8 то м.) маълум шудааст. Бошишгоҳҳо иқоматгоҳи муваққатии шикорчиён буданд, ки аз онҳо фақат олоти сангӣ: нӯги найзаҳо ва кордҳои гуногун боқӣ мондаанд. Маданияти А. аз маданияти Маркансуи Помири Шимолӣ хеле фарқ дошта, аз дигар ёдгориҳои Помири Шарқӣ ба назар кӯҳнатар мерасад. Дар ҳазорсолаи авв. то м. дар водии А. қабилаҳои ҷанговари сакоиҳо зиндагонӣ мекарданд, ки ба чорводорӣ машғул буданд. Дар поёноби д. Аличур (Аличӯл) ду қабри сакҳо ёфт шуд, ки аз онҳо найзаҳо, афзори асп, зарфҳои сафолӣ пайдо гардиданд. Хусусан дегчаи биринчӣ хеле ҷолиби диққат аст, ки дар ду гӯшакаш акси барҷастаи парандаи уқобмонанд ҳаст. Дар асрҳои миёна водии А. роҳи корвонгузар будааст.

В. Ранов.

АЛИЧӮ́РИ ҶАНУБӢ, қаторкӯҳ дар Помири Шарқӣ. Аз Ғ. ба Ш. қариб 140 км тӯл кашида, водии д-ҳои Аличур ва Помирро аз ҳам ҷудо мекунад. Баландиаш ба ҳисоби миёна 4500 – 5000 м, нуқтаи баландтаринаш 5706 м (қ. Қизилдунгӣ). Аз граниту гнейсҳо ва варақасангҳои кристаллӣ таркиб ёфтааст. Масоҳ. пиряхҳояш тақр. 30 км². Дар нишебиҳои қ-кӯҳ осори пиряхҳои қадимӣ боқӣ мондаанд; растаниҳои баландкӯҳи биёбонӣ ва хорбуттаҳо мерӯянд.

АЛИЧӮ́РИ ШИМОЛӢ, Бозордара, қаторкӯҳ дар Помири Шарқӣ. Аз Ғ. ба Ш. 110 км тӯл кашида, водии Аличурро аз водии Мурғоб ҷудо мекунад. Дар самти Шим. шохаҳои калон дорад: кӯҳи Ирхт (қ. Кулин, 5929 м), кӯли Сарез (5800 м), кӯҳи Марҷанай (қ. Бозортеппа, 5880 м). Асосан аз варақасанг ва оҳаксангҳо иборат аст. Нишебиҳои шимолии он бештар бо водиҳои чуқури танг бурида шуда, пиряхҳо доранд. Масоҳ. умумии пиряхҳо 975 км². Дар нишебиҳои кӯҳ растаниҳои хӯшадори даштӣ, явшон ва хорбуттаҳо мерӯянд.

АЛИҶО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Пушинги поён. Данғара. Аз А. то маркази ноҳия 8 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2083 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, клуб ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ,

боғу токдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо лалмӣ.

АЛИҶО́НИ ҒИЖАКӢ (1471, Ҳирот – 1540, ҳамон ҷо), оҳангсоз, навозанда, сароянда ва мусиқидони форсу тоҷик. Аз шогирдони машҳуру боистеъдоди Устод Шодӣ. Сараввал санъати мусиқиро аз падараш омӯхта, минбаъд асосҳои илмию назарии мусиқӣ, роҳу равиши навозандагӣ, сароядагию оҳангсозиро зери сарпарастии Устод Шодӣ ва Хоҷа Исҳоқи Шиҳобӣ аз худ кардааст. Дар шаклҳои мураккаби «Савт», «Амал», «Пешрав», «Куллиёт», «Сачъ», «Рехта», «Қавл» асарҳо эҷод намудааст. Дар тазмини асари Алии Кормал ва устодаш «Моҳи Ҳилол» савти «Ду ҷуфт моҳи ҳилол»-ро ба усули «Туркзарб» ба мақоми «Ҳусайнӣ» (бар ғазали Ҷомӣ) эҷод кард. Дигаре аз савтҳои машҳури А. Ғ. «Сарви суманвар» (дар усули «Даври Шоҳӣ») ба услуби шӯъбаи «Дугоҳ» (бар ғазали Биноӣ) мебошад, ки Устод Шодӣ онро аз беҳтарин осори мусиқӣ шуморидааст. А. Ғ. инчунин «Куллиёт»-е ба мақоми «Рост» (ба усули «Даври равон», бар ғазали Ҷомӣ) тасниф намудааст, ки дар он моҳияти шаш овоза, дувоздаҳ мақом ва бисту чаҳор шӯъбаро шарҳ медиҳад. А. Ғ. барои созҳои тории камонӣ низ чандин «амал», «кор», «пешрав» ва «тарона» эҷод намуда, қисме аз онҳоро ба Устод Шодӣ бахшидааст.

Ад.: Раҷабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; ҳамон муалл., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007.

А. Раҷабов.

АЛИҶӮББИ НОЙӢ (с. тав. номаълум, Марв – 1567 – 80), оҳангсоз ва машшоқи тоҷику форс. А. Н. аз ҷавонӣ ба шеъру мусиқӣ шавқи зиёд дошта, баробари ин пешаи косибиро аз худ менамояд. Ӯ дар хаттотию китобат, ороишу тазҳиб низ ном бароварда, бино ба эътирофи муаррих Соммирзо («Тӯҳфаи Сомӣ») чандин девони классикони адабиёти тоҷику форсро китобату ороиш додааст. А. Н. асосан аз даромади касби чоҳканӣ таъмини маишат мекардааст. А. Н. мусаннифи асарҳои зиёди мусиқӣ ба мақомҳои «Рост» ва «Ҳусайнӣ» будааст (дар тазмини асари Алии Кормал). Оҳанги «Пешрави Ҳисор» аз ҷумлаи таснифоти маъмули ӯст. Ин асари ӯ бо номи «Пешрави Хоҷа Чортории найгир» низ маъмул аст. А. Н. дар санъати навозандагию сароядагӣ низ шӯҳрат дошта, бо бисёр мусиқишиносон дар ичрою дарки таркиботи илмии мусиқӣ мунозираҳо мекардааст. Ӯ махсусан дар навохтани созҳои чортор маҳорати баланд доштааст. А. Н. муддате дар Бухоро зиста, бо Мираки Маҷрӯҳи Чангӣ ва *Кавкабии Бухорой* аз наздик шинос мешавад ва аз онҳо нозукиҳои мақомҳоро меомӯзад. Ӯ дар тазмини зарбу авзони мақомҳо низ асарҳои тоза эҷод намудааст. А. Н. инчунин табъи баланди шоирӣ дошта, ғазалро некӯ мегуфтааст.

Ад.: Раҷабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; ҳамон муалл., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007. *А. Раҷабов.*

АЛИШЕ́РИ МУҲАММАДӢ (тав. 22. 6. 1977, ноҳ. Ғарм), шоири тоҷик. Хатмкардаи фак-ти филологияи тоҷики ДМТ (1999). Омӯзгори мактаби миёнаи № 1, директори мактаби миёнаи № 52 (1997 – 2001), мушовири шӯъбаи маориф (2001 – 02), мудири шӯъбаи фарҳанг ва иҷтимоиёт (2002 – 05), омӯзгори Маркази омӯзиши таълими модулӣ дар ноҳ. Рашт (2005 – 09), сармутахассиси корхонаи воҳиди давлатии маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно» (2005 – 09) буд. Аз с. 2010 директори корхонаи воҳиди давлатии «Клуби соҳибкорони ҷавон»-и Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ. Осори манзумаш дар маҷмӯаҳои «Никоҳи аҷуза» (2003), «Ранги ҳавасҳо» (2005), «Сафинаи зиё» (2010) фароҳам омада, мавзӯъҳои ишқ, васфи табиати кӯҳсор ва инсондӯстиро дар бар мегиранд. Узви ИЖ Тоҷикистон (аз с. 2007) ва ИН Тоҷикистон (аз с. 2005).

Ф. Маҳмадуллоев.

АЛИШЕ́РИ НАВОӢ, деҳа дар ҷамоати шаҳраки Ҳаёти Нави ноҳ. Ёвон. Аз А. то маркази ноҳия 35 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2533 нафар (2009), ӯзбекон ва тоҷикон. А. мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 2 бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Ёвон обёрӣ мешаванд.

АЛИШОҲИ МАШҲАДӢ Алишоҳ ибни Маҳдӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), адабиётшиноси тоҷик (а. 15). Дар зодгоҳаш Машҳад илмҳои расмии замонашро омӯхта ба камол расид. Муддате дар ш. Ҳирот зиндагӣ кардааст. Асаре бо номи «Лисон-ул-қалам» (таълифаш 1457) мутаалиқ ба ӯст, ки дар пайравӣ ва дар заминаи «Ал-Мӯъҷам» -и Шамс Қайси



Алишери Муҳаммадӣ.



Алӣ Бобоҷон.

Розӣ навишта шудааст. Дар ин асар аз навъҳои шеър, санъатҳои бадеӣ, таъсири нафсонии каломи бадеъ, муқаддимоти шоирӣ ва ғ. сухан меравад. Муаллиф нуктаҳои зикршударо ҷузъиёти зарурии фанни шеър донистааст.

Ад: Сатторов А., Нуқтаи пайванд, Д., 1982.

АЛӢ БОБОҶОН (тав. 10. 2. 1936, Конибодом), шоир ва публитсисти тоҷик. Корманди шоистаи Тоҷикистон (1998). Хатмкардаи фак-ти таъриху филологияи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (1959). Ходими рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (1959 – 60), муҳаррири нашриёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон «Маориф» (1960 – 62) ва мудири шӯъбаи маданияти маҷ. «Занони Тоҷикистон» (1962 – 87), муовини сармуҳаррири нашриёти «Адиб» (1987 – 92), ходими калони илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ ҶТ (1992 – 2000). Аз с. 2000 раиси Шӯрои адабиёти кӯдакон ва наврасони ИН Тоҷикистон. Шеъри нахустинаш «Суруди шодӣ» с. 1955 чоп шудааст. А. Б. муаллифи зиёда аз 30 китоб, беш аз 500 мақолаи публитсистӣ мебошад. А. Б. дар китобҳои хурд ва маҷмӯаҳои «Гули бодом» (1966), «Мавҷи сурур» (1973), «Нилуфар» (1980), «Намаки зиндагӣ» (1986), «Базмия», «Ситораи ихлос» (ҳарду 2000), «Шеъри истиқлол», «Садбарги Ҳисор» (ҳарду 2001), «Меҳрпайванд» (2006), «Шарораи меҳр» (2009), «Илҳоми Роғун» (2010) ва ғ. ба мавзӯъҳои тавсифи фаъолияти аҳли заҳмат, инсонҳои ватандӯсту ободкор, ситоиши сулҳу ваҳдат, тасвири манзараҳои зебои кӯҳистон ва ғ. даст задааст. Шеърҳои барои кӯдакон ва наврасон таълифнамудаи А. Б. ҷузъи асосии осори ӯро ташкил медиҳанд. Маҷмӯаҳои ашъори А. Б. «Бачаҳои хуб» (1963), «Мусича» (1965), «Парвози орзу» (1971), «Некӣ ба некӣ» (1976), «Нилуфар» (1980), «Осмондара» (1981), «Зардолуи маҳтобӣ» (1988), «Атри кӯҳистон» (1993), «Обаки заррин», «Пайғоми парасту»

(ҳарду 2003), «Алифбои парандаҳо» (2004), «Мусиқии баҳор» (2008) байни кӯдакон ва наврасон машҳуранд. Асарҳои насрии А. Б. (ҳикоёти воқеӣ, очеркҳои бадеӣ ва мақолаҳои публитсистӣ) дар китобҳои «Домулло Азизов» (1970), «Нахустқаҳрамони тоҷик» (1979), «Тоҷикистони ман» (1983), «Чароғҳои Уялӣ» (1986), «Соҳибназар» (1998), «Дунёи меҳр» (2000), «Неъмати нодир» (2001), «Имтиҳони зиндагӣ» (2004), «Шарораи меҳр», «Падари ҷарроҳон» (ҳарду 2009) фароҳам омадаанд. Намунаи шеърҳо ва манзумаҳояш ба забонҳои русӣ, украинӣ, белорусӣ, туркманӣ, озарӣ, арманӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, эстонӣ ва литвонӣ тарҷума шудаанд. Баъзе шеърҳояш дар матбуоти Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон ба табъ расидаанд. Асарҳои адибони Озарбойҷон Т. Муталлибов «Чӯҷаҳо», С. Мамедзода «Холид», тазкираи назми шоирони вйетнамӣ бо унвони «Муҳаббат ва ғазаб» дар тарҷумаи А. Б. нашр гардидаанд. Садҳо шеъру манзумаи ба Тоҷикистон бахшидаи адибони ҷаҳонро ба тоҷикӣ баргардондааст. Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон (1998). Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1972. *Ш. Раҳмонов.*

АЛӢ ИБНИ АБИТОЛИБ ибни Абдулманоф ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим, муканӣ ба Абулҳасан, Абутуроб ва Абулҳайҷо, мулаққаб ба Амиралмӯъминин, Асадуллоҳ, Ҳайдар, Ҳайдари Каррор, Шоҳи Мардон, Шоҳи Вилоят, Муртазо ва Мавлои муттақиён (13 рақаб 30 Омулфил Каъба – 19 рамазони с. 40 ҳичрӣ-қамарӣ, 662 м., Куфа, дар Нақаф дафн шудааст), чаҳорумин ва охирин халифаи мусулмонон ва имоми аввали шиъаён. Модараш Фотима – духтари Асад ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ӯро Ҳайдар номид; Пайғамбар (с) номи Алӣ ва кунияи Абутуроб ба ӯ дод. Абитолиб – падари А. дар байни аҳли Қурайш мӯҳтарам буд. Ӯ дар тарбияти фарзандони худ таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, онҳоро ботақвою бофазилият тарбия карда, аз кӯдакӣ фунуни саворӣ, гӯштӣ ва тирандозиро барояшон омӯхта буд. Чун Пайғамбари акрам (с) дар кӯдакӣ аз падар маҳрум шуда буд, он ҷаноб таҳти кафолати ҷадди худ – Абдулмутталиб қарор гирифт. Пас аз фавти Абдулмутталиб фарзандаш Абитолиб бародарзодаи худро ба тарбият гирифта бузург намуд. Ҷавобан ба ин меҳрубонӣ ҳазрати Пайғамбар (с) ва ҳамсараш Хадича А.-ро дар 6-солагӣ ба тарбияти худ ҳамчун фарзанд пазируфтанд. А. ду соли расо дар хонадони он ҳазрат тарбият ёфта, сипас ба хонадони худ баргашт, вале иртиботи доимиашон боқӣ монд ва наз-диктарин фарди он ҳазрат буд. Ин аст, ки А. нахустин марде буд, ки ба Ислом гаравид. Муаллифи «Сираи аҳли байт» Абдухолиқ бо истинод аз китобҳои донишмандоне чун Ибни Абдулбир, Ибни Асир, Ҳалими Нишобурӣ ва хутбаҳои 192, 131-и «Наҳҷ -ул -балоға» овардааст: «… ҳазрати Муҳаммад (с) рӯзи душанбе ба нубувват мабъус (ба рисолат ва паёмбарӣ таъйин) шуд ва А. (раз.) фардои он рӯз бо ӯ намоз хонд». Ин аст, ки Пайғамбар вайро бародари хеш хонд ва духтараш Фотимаро ба ақди издивочи ӯ даровард.

Фаъолияти А. хеле васеъ ва густурдадоман аст, вале се бахши муҳими он қобили зикранд: аввал низомӣ-сиёсӣ, дуюм илмӣ-маънавӣ ва сеюм иҷтимоӣ. Мутобиқи аксари манобеи аҳли ташайюъ Пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) ҳангоми охирин ҳаҷ, ки ба номи «Ҳаҷҷат-ул-видоъ» дар таърихи Ислом машҳур аст, соли 10-и ҳичрӣ, 632 милодӣ 18-и Зулҳиҷҷа дар мавзее ба номи Ҷуҳфаи Ғадирхум, ки роҳҳои мардуми Мадина ва мисриҳову ироқиҳо аз ҳам ҷудо мешуданд, амини ваҳӣ нозил шуд ва фармони Худоро ба ӯ расонд:

«Ё аййуҳа-р-расулу баллиғ мо унзила илайка мин-Рабика ва ин лам тафъал фамо баллағта рисолатаҳу вал-лоҳу яъсимука мин-ан-нос» (Эй Пайғамбар, он чи аз Худо бар ту нозил шуд, ба халқ бирасон ва агар нарасонӣ, рисолат ва адои вазифа накардаӣ ва Худо туро аз озори мардум маҳфуз хоҳад дошт), Қуръони Маҷид, 5:67.

Паёмбар (с) маъмурият ёфт маҳз ҳоло ва дар ҳамин ҷо мавзӯи вилоят ва раҳбарии Алӣ (а)-ро ба мардум бирасонад ва ӯро муаррифӣ намояд. Пас ҳидоят дод аз полони шутурон минбаре тартиб доданд ва Паёмбар (с) дасти А.-ро баланд карду фармуд: «Ман кунту мавлоҳу фа Алию Мавлоҳу» (Ҳар киро ман мавлояш ҳастам, Алӣ мавлои ӯст).

Пас аз реҳлати Паёмбар (с) А. ягонагӣ ва иттиҳоди исломиро барои худ волотар аз расидан ба мансаби олӣ мешумурд ва шадидан даъвои хилофат накарда, вале як гурӯҳ бовар доштанд, ки А. нисбат ба дигар номзадҳо шоистатар ба ҷонишинии Пайғамбар (с) аст ва инон баъдтар бо номи шиъати Алӣ (а) ё ҳизби Алӣ ва пасонтар ба шакли содаи *шиъаён* машҳур шуданд. Пас аз шаш моҳи хилофати Абубакр (раз.) А. ӯро пазируфт, вале тарафдорони А. ҳамоно пуштибонии худро аз номзадии ӯ (Алӣ) ба хилофат давом медоданд, тадриҷан шиъаён назарияи ақидавии хешро шакл доданд ва наҳзаташон ҳамовозӣ ёфт ва маъруфтар гаштанд. Бо вуҷуди шаклгирии назарияи нисбатан нави ақидавии ақаллият онро (шиъаро) набояд *бидъат* ё «исёни мухолифат» ва «ҷудошавӣ аз ақидаҳои қабулшудаи аксарияти аҳли суннат» маҳсуб намуд. Воқеан дар маҷмӯъ шиъа ва суннӣ ду ҷузъи мукаммили дини ягонаву яктои Исломанд, вале танҳо гуногунӣ дар таъбирҳои мухталифи пайғоми ягона вуҷуд дораду халос. Чунончи онҳо (шиъаён) мӯътақиданд, ки таълимоти Қуръони азимушшаън ва шариати муқаддаси Ислом аз манбаъҳои дастнорас оварда шудаанд ва ба-д-ин сабаб мақсад ва ҳақиқати ниҳонӣ доранд. Аз ин ҷиҳат ақлу тафаккури инсони одӣ ба дарки бевоситаи онҳо қодир нест. Барои дарки воқеии ваҳйи исломӣ ба инсон вуҷуди *имом* зарур аст. Аз ин нигоҳ, аҳли ташайюъ А.-ро *васӣ,* иҷрокунандаи ирода, васият ва хоҳиши Пайғамбар (с) мешумурданд.

Манам бандаи *аҳли байти* набӣ,
Ситояндаи хоки пойи *васӣ.*

Фирдавсӣ

Ҳанӯз дар давраи хилофати Усмон (644 – 656 м.) хешу табори ӯ – намояндагони ашрофи ғуломдори Макка вазифа – мансабҳои давлатӣ ва заминҳои мамолики фатҳшударо зӯран соҳибӣ кардан гирифтанд. Ашаддитарини онҳо ҷияни Усмон – Марвон буд. Ӯ аз пиронсолӣ ва сустиродагии амакаш (Усмон дар 70-солагӣ халифа интихоб шуда буд) истифода бурда, аслан лаҷоми ҳукумат – идораи Мадинаро ба даст гирифта, ихтиёрдорӣ мекард. Зӯран аз худ кардани заминҳо, тамаъҷӯӣ ва фишор норозигиро дар байни омма ба вуҷуд овард. Аксари норозиён тарафдорони халифа Умар буданд, ки ба зудтарин фурсат, баъди ба хилофат расидани Усмон аз вазифа сабукдӯш шуда буданд. Норозигии онҳоро аксари қабилаҳои араб (бахусус дар Ироқ) низ тарафдорӣ намуданд. Худи халифа Усмон дар торочи молу мулки хилофат намунаи ибрат буд, чунончи, вақте ки духтари ӯ бо Абдуллоҳ ибни Холид издивоҷ кард, ӯ амр дод барои навхонадорон 600 ҳазор дирамро аз *байтулмоли* Басра диҳанд. Норозигӣ

дар муқовимати мустақиму фаъоли мусулмононе, ки аз Куфа, Басра ва Миср ба Мадина ба хотири зиёрату ҳаҷ омада буданд, бармало зоҳир мегардид. Бо ҳамнавоӣ ва дастгирии аҳолии шаҳру навоҳии атрофи он норозигӣ ба шӯришу исёни ошкоро табдил ёфт. Шӯришиён ҳавлии халифа Усмонро муҳосира карда, ӯро ба қатл расонданд. Пас аз ин ҳодиса А. халифа интихоб гардид, вале ҳамоно ба муқобилати ашрофон – хешу табори Усмон ва дигар аъёни дар ин давра бойшуда рӯ ба рӯ шуд. Саранҷом с. 656 аввалҳо А. аз тарафи намояндагони Миср, ки дар истеъфои Усмон роли муҳим доштанд, дастгирӣ дид. Пас аз чанд рӯзи дудилагӣ ба мисриён ду шаҳри муқаддас – Макка ва Мадина ва баъдтар Ироқ низ пайвас танд. Вале ҳокими Сурия Муовия – писарамаки Усмон, баъзе саҳобаҳои ҳазрати Муҳаммад (с) ва ҳамчунин ҳамсари бевамондаи он ҳазрат (с), зани бонуфуз Ойиша, ки ба ҳазрати А. кинаву адовати пешин дошт, қатъиян интихоби А. ба тахти хилофатро рад карданд. Густариши муборизаи шадид барои хилофат ба ҷудо шудани мусулмонон ба тарафдорони А. (шиъаён) ва мухолифони онҳо – сунниён асос гузошт. Ин мубориза деру дароз идома кард. Дар ибтидо барои А. муяссар гардид, ки фотеҳ бошад, вақте ки с. 636 дар «Ҷанги Ҷамал» лашкари сершумори Талҳа ва Зубайрро шикаст дода буд. Ин ҷанг дар таърихи Ислом ба муносибати он, ки Ойиша бар шутуре савор буд, ба Ҷанги Ҷамал (ба арабӣ шутур) машҳур аст. Дар ин ҷанг Талҳа ва Зубайр кушта шуда, Ойиша асир афтод. Вале ҳанӯз ҳам душмани тавоноияш Муовия, ки иқтидори баланди иқтисодиву ҳарбӣ дошт, ҳамоно дар муқобили А. ва тарафдоронаш меистод. Ин буд, ки А. маркази хилофаташро аз Макка ба Куфа интиқол дод. А. Муовия ибни Абусуфёнро аз ҳукумати Шом барканор кард. Муовия фармон напазируфт ва омодаи ҷанг шуд. Соли 657 дар Сиффин – соҳили рости д. Фурот, дар Ироқ муҳорибаи шадиде байни лашкари А. ва Муовия ба вуқӯъ пайваст. Тибқи ривоёти таърихӣ мухосимини А. дар лаҳзаи ниҳоят ҳассосу тақдирсози муҳориба дар нӯги найзаву шамшерҳояшон авроқи китоби муқаддас – Қуръони каримро бардошта, бо ин амал мутобиқи ҳидояти ин навиштаҳои қудсӣ ба ҳалли мусолиматомези масъала даъват намуданд. А. ин ҳилаву найрангро ҳақиқату самимият пиндошта, ба қазовати ҳакамӣ – *иҷмои* уммат бо пофишорӣ ва иродаи тарафдоронаш розӣ шуд ва ғалабаро фурӯ гузошт. Дар иҷмои уммат намояндаи Муовия Амр ибни Ос тавонист аз намояндаи А. Абумусои Атъарӣ истеъфои халифагии А.-ро ба даст оварад. Ҳамзамон А. аз имконияти таҷдиди ҳарб муқобили Муовия бенасиб гардид, зеро қисмати аксари сипоҳиёнаш (ба як ҳисоб аз 4 то 12 ҳазор нафар) масъалаи дар иҷмои уммат ҳаллу фасл гардидани хилофатро норавою номувофиқ дониста, лашкаргоҳро тарк карданд. Ин ҳодиса бо ҳаракати *хаворич,* ки ҳам ба муқобили А. ва ҳам бар зидди Муовия мубориза мебурданд, ба Ҷанги Наҳравон (с. 38 м.) ибтидо гузошт. А. дар Наҳравон бо хавориҷ ҷангид, торумарошон кард ва худ ба Куфа – маркази хилофат боз омада, саранҷом дар мехроби масҷиди Куфа, ҳангоми адои намози субҳ, ба дасти Абдурраҳмон ибни Мулҷами Муродӣ, ки яке аз аҳли хавориҷ буд, аз фарқи сараш захмӣ шуд ва дар синни 63-солагӣ ба шаҳодат расид. Мадфани А. дар Наҷаф (наздикии Куфа) аст, вале бархе мӯътақид бар онанд, ки мадфанаш дар Адан ва қисме бар онанд, ки дар Балх – Мазори Шариф (Оромгоҳи Алӣ ибни Абитолиб) аст. Ваҷҳи ин баҳс дар Оромгоҳи А. дар Мазори Шариф ин байтҳои Ҷомиро сабт кардаанд:

Гӯянд, ки Муртазо Алӣ дар Наҷаф аст,
Дар Балх биё, бубин чи Байтушшараф аст.
Ҷомӣ, на Адан гӯй, на Байтулҷабалайн,
Хуршед якеву нури ӯ ҳар тараф аст.

А. дар таърихи ибтидои дини Ислом, чун яке аз чеҳраҳои пурфоҷиа ва сахт мухолифатомез ворид гардидааст. Барои аҳли тасаннун ӯ як шахси одии башарӣ, яке аз хулафои рошидин, намунаи иффату порсоӣ, парҳезгорӣ, ҷавонмардӣ, олиҳиммативӣ ва саховатмандист. Барои аҳли ташайюъ бошад, васии Муҳаммад Пайғамбар (с) ва иртиботи ӯ бо Аллоҳ аст. Донишмандони аҳли суннат навиштаанд, ки ҳазрати Абубакри Сиддиқ (раз.) дар корҳои муҳим бо А. машварат ва ба савобдиди ӯ амал мекард; Умар (раз.) кореро бидуни маслиҳати А. анҷом намедод; Усмон (раз.) низ ба ӯ ниёзманд ва аз донишу хирад ва кордонияш ҳамеша бархурдор буд.

Зиндагии А. боризтарин ва ибратомӯзтарин намунаи ҷонфишониҳо дар роҳи Худо ва дифоъ аз дини Худо буд. Моҳи рабеъулаввал Қурайш бо гурӯҳаш дар Дор-ун-надва барои қатли Пайғамбар (с) анҷуман доир карданд. Аз ҳар қабила нафаронеро ҷамъ карданд, то ин ки дар қатл намояндаи ҳамаи қабоил ширкат дошта бошанд. Пас хонаи Пайғамбарро муҳосира намуданд ва то субҳ сабр карданд. Ба хотири аз мадди назар дур насохтан, ҳар бор ба сӯи бистари он ҳазрат санг меандохтанд. Паёмбар (с) ҳамин аввали шаб, бо эҳтиёти тамом, аз хона бадар омада, бо Абубакри Сиддиқ (раз.) дар Ғори Савр паноҳанда шуд ва дар бистар А. хобида буд. Чун санг ба бадани А. бар мехӯрд, аз ғояти дард меҷунбид, вале сир намедод. Ин ривоятро беш аз 30 нафар уламо, муҳаддисин ва тафсирнависони аҳли суннат низ нақл кардаанд.

Ҳазрати А. чун ба намоз меистод, аз ҳар он чӣ, ки ғайри Худост, дурӣ меҷуст. Мардум намози шаб, дуъоҳои маъсура (ҳадис), муноҷот дар вақти муборак ва макони муқаддасро аз ӯ омӯхтанд. А. аз наздиктарин фард ба Пайғамбар (с) буд. «Паёмбар (с) ба теъдоде аз саҳоба, аз ҷумла А. дастури нигориши оёти Қуръони Карим медод» («Мабоҳис фи-улум-ил-Қуръон») ва «Алӣ ин корро бо пешгомӣ анҷом дод» («Ал-иткон фи улум-ил-Қуръон»). Ҳазрати А. донишманди бофазлу беназире буд. Ин аст, ки *Байҳақӣ* аз қавли Пайғамбар (с) менигорад: «… ҳар кӣ мехоҳад ба дониши Одам, тақвои Нӯҳ, хиради Иброҳим, ҳайбати Мусо ва ибодати Исо бингарад, ба Алӣ ибни Абитолиб нигоҳ кунад» .

Ҳоким дар «Мустадрак» аз Ибни Аббос нақл мекунад, ки гуфт: «Чаҳор хислат барои Алӣ аст, ки дигарон аз доро будани онҳо маҳруманд. Ӯ нахустин касе аз араб ва ғайриараб аст, ки бо Паёмбар (с) намоз гузорид. Ӯст, ки парчами Паёмбарро дар ҳар ҷанге дар даст дошт ва дар рӯзи миҳрос (Ҷанги Уҳуд) дар канори Паёмбар ба истодагӣ пардохт ва ӯст, ки Паёмбарро ғусл доду кафан кард («Сираи маъсумон»).

А. дар Ҷанги Бадр, ки аз нахустин ва бузургтарин набардҳои мусулмонон бо мушрикон буд, сарчашмаи ишқи шаҳодат дар роҳи Ҳақ, диловариҳо, ҷонбозиҳо ва пирӯзиҳои ояндаи Ислом гардид. Ғазваи Уҳуд шабеҳи як тӯфони азиме буд ва ба навиштаи Ибни Асир «… касе, ки парчамдорони Қурайшро шикаст дод, Алӣ разиял-лоҳу анҳу буд». Дар ҳадиси Зайд ибни Ваҳб чунин ҷумла зикр шудааст: «Ҷабраил дар он рӯз ба осмон боло мерафт ва фарёд мезад: «Ло сайфа илло Зулфиқор ва ло фато илло

Алӣ!» (Нест шамшере ҷуз Зулфиқор ва нест ҷавонмарде ҷуз Алӣ).

Соли ҳафтуми ҳичрат сипоҳи Ислом сӯи Хайбар – пойгоҳи яҳудиён, ки иборат аз ҳафт қалъаи мустаҳкам буд, ҳаракат карданд. Ба қаҳрамониву ҷонфидоии А. Хайбар низ фатҳ карда шуд. А. сарҳалқаи илми калом ва усули фиқҳ аст. «… ва аз ҷумлаи улум илми фиқҳ аст, ки ӯ (А.) аслу асоси он аст ва ҳар фақеҳе дар Ислом резахори ӯст ва аз фиқҳи ӯ истифода кардааст. Асҳоби *Абуҳанифа* мисли Абуюсуф ва Муҳаммад фиқҳро аз Абуҳанифа омӯхтанд. *Шофеӣ* фиқҳро назди Муҳаммад ибни Ҳасан фаро гирифт. Пас фиқҳи ӯ ҳам ба Абуҳанифа бармегардад. Абуҳанифа назди Ҷаъфар ибни Муҳаммад шогирдӣ кард, ки ӯ худ шогирди падараш буд ва бино бар ин масъала бар Алӣ хатм мешавад. *Молик* ибни Анас шогирди Рабеъа ва Рабеъа худ шогирди Акрама буд. Акрама аз шогирдони Абдулло ибни Аббос ва ӯ шогирди Алӣ буд…» (Ибни Абилҳадид, «Шарҳи Наҳҷ-ул-балоға»).

Сайид Муҳсин Амин аз муҳаққиқони таълифоти А. мебошад ва дар китобаш «Сираи маъсумон», осори илмии А.-ро қисман чунин зикр кардааст: «Ҷамъ-ул-Қуръон» (ҷамъоварии оёти Қуръон бар асоси тартиби нозилшавии онҳо), «Ал-ҷомиа», «Ал-ҷафр» (илми ғайб), «Саҳифат-ул-фароиз», «Аҷоиб-ул-аҳком», «Саҳифаи алавия», «Муснад», «Ҷаннат-ул-асмо» ва дигар китобҳо дар бораи закот, фиқҳ, васиятҳо, дуоҳою муноҷот ва аз ҷумла «Наҳҷ-ул-балоға», ки Шарифи Разӣ мунтахаби суханони А.-ро дар он ҷой додааст. А. шоири тавоно буд ва орифе ба номи Қутби Кайдарӣ (ваф. 574 ҳ.) девони ӯро ҷамъ оварда, ба унвони «Анвор-ул-уқул мин ашъори васий-ур-Русул» мураттаб сохтааст.

Ад.: Гуго Винклер, Карл Нибур, Генрих Шурц, История человечество, т. 3, С.- Пб., 1909; Иванов М. С., Очерки истории Ирана, М., 1952; Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье, М., 1966; Дафтарӣ Ф., Исмоилиён, таърих ва ақоид, М., 1999; ҳамон муалл., Мухтасаре дар таърихи Исмоилия, Д., 2003; Доро Наҷот, Ҳумои раҳмат, Д., 2006; *Б. Раҳматов, С. Абдуллоев.*

АЛӢ ибни Бувайҳ ибни Абушуҷои Буя, *Имоддуддавла* (с. тав. номаълум, – ваф. 949), фарзанди бузурги Абушуҷои Буя аз *Оли Буя.* Солҳои 932 – 49 ҳукмронӣ кардааст. Бунёдгузорони ин силсила се писари моҳигире бо номи А., – Ҳасан ва Аҳмад буданд. А. муддате дар хидмати амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ буд. Вақте ки Мардовиҷ Гургон ва Табаристонро бар ихтиёри худ гирифт, се бародар ба ӯ пайвастанд. Мардовиҷ А.-ро ба ҳукумати Қараҷ маъмур кард. Дере нагузашта, А. аз итоат сар печид ва с. 932 ноҳияҳои Арраҷон, Навбандон, Козарун, Исфаҳон ва Шерозро тасарруф намуд ва бо ин тадбир пояи давлати нави Оли Буяро ниҳод. Аммо с. 935 А. бо *Мардовиҷ* сулҳ ва хутба ба номи ӯ кард. Пас аз тасарруфи Кирмон (936) ва Рай (941) худро мустақил эълом дошт. Соли 845 халифаи Бағдод ал-Мустакфӣ зимни ба расмият шинохтани ҳукумати А. ба ӯ лақаби «Имодуддавла» дод. А. дар Шероз даргузашт ва ӯро дар Истахр ба хок супурданд. Чун А. писар надошт, бародарзодаи худ Фанохусрав Рукнуддавла Ҳасанро ҷонишини худ таъйин кард. *Л. Бойматов.*

АЛӢ И́БНИ МУҲАММА́ДИ САРАХСӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмори форс-тоҷик (ох. а. 11 ва нимаи авв. а. 12). А. бо супориши амири Хуросон – Абусаид тарҳи манораи масҷидеро кашида, сохтмонашро ба охир расондааст. Ин ёдгории меъморӣ ҳоло дар Ҷаркӯрғон (ноҳ. Ҷаркӯрғони вил. Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон) боқист. Манора асосан аз хишти пухта бино ёфта (баландиаш 21, 6 ва қутри асосаш 5, 4 м), онро нақшҳои фаровони ҳандасӣ зинат медиҳанд, ки низ аз хишти пухтаанд. Қисми болоии манора бо катибаҳои хати кӯфӣ оро ёфтааст. Амали дигари А. тарҳ ва сохт мони корвонсарои Работи Шарифи Хуросон (1114 – 15) мебошад.

АЛӢ И́БНИ УМА́РИ ҒАЗНАВӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (нимаи дуюми а. 11 – ибт. а. 12). Дар зодгоҳаш ш. Ғазнин зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ба қавли Муҳаммад Авфӣ (*«Лубоб-ул-албоб»*) А. соҳиби девоне будааст, ки дар он ғазалҳову қасидаҳо ва дигар навъҳои шеъри эҷодкардааш фароҳам омада буданд. Ғазалҳои ӯ асосан ишқианд. Абёти зерин аз ӯст:

Диле, к-андар ғами ишқи ту дар банду вафо бошад,
Писандӣ аз вафои худ, ки аз васлат чудо бошад.
Зи рашки куртаи тангат чӣ гӯям, то чӣ дилтангам,
Ки бемеҳру вафо ёре дар оғӯшам чаро бошад.
Қабои сода пӯшӣ беҳ, ки хун гиряд ҳаме чашмам,
Ки бори кист он сурат, ки ҳамтанги қабо бошад.

Ад.: Муҳаммад Авфӣ, Лубоб-ул-албоб, Т., 1335 . ҳ. ш. *Ҳ. Қаландаров.*

АЛӢ ИБНИ ҲИЛОЛ, машҳур ба Ибни Баввоб (с. тав. номаълум – ваф. 1022, Бағдод), хаттот. Яке аз шогирдони хушнависи машҳур *Ибни Муқла*. Хатҳои сулс, муҳаққақ, райҳон, тавқеъ, насх, риқоъро хеле хуб менавишт ва дар такмили онҳо саҳми босазо гузоштааст. Қурсӣ (мутаносибии қисмҳои ҳарф дар сатр), ташмир (усули кашидани думи ҳарфҳо), сууду нузул (усули болову поён кашидани унсурҳои ҳарф) барин қоидаҳои хушнависиро муайян намуд, ки бо номи «Равияи Ибни Баввоб» машҳур аст. Асосан бо китобати Қуръон машғул шудааст. *Ёқути Мустаъсимӣ* аз ҷумлаи шогирдони ӯст. *А. Нуров.*

АЛӢ И́БНИ ҲОШИ́М, номи пурааш Алӣ ибни Ҳошими Исфаҳонӣ (867, Исфаҳон – 922), оҳангсоз, мусанниф, мусиқишинос ва наво-зандаи форсу тоҷик. Дар зодгоҳаш Исфаҳон анъанаҳои гузаштаи санъати ичрокунандагиро омӯхта, дар такмилу таҷдиди силсилаи ҳамосии аҳди Сосониён кӯшиши зиёде кардааст. Баъди хурӯҷи таассуби динӣ ба Бағдод рафта, то ох. умр ба оини зардуштӣ содиқ монд. Дар навохтани созҳо, алалхусус барбат моҳир будааст. Суруду навоҳои ситоишӣ, таърихӣ ва мавсимию маросимӣ офарида, сабки анъанавии сулолаи мавсилиҳоро такмил дод ва бо ин васила шӯҳрат ёфт. А. собиқаи баланди мусиқидонӣ дошта, «Китоб-ул-ағонӣ-юл-аҷамия» ва «Китоб-ул-ғино-валиқоъ» барин шарҳҳои назариявӣ таълиф кардааст. Дар асарҳояш ҷараёни ташаккул ва вусъати осори мусиқии ниёгон, рӯйдодҳои ҳунарии Бағдод, равия, анъана ва пояҳои устувори мусиқии аҷамиёнро таҳқиқ кардааст. Дар мусиқӣ шогирду пайравони зиёде дошта, равияаш дар ҳаёти мадании Ироқ бо номи «Ат-тариқ-ул-аҷамия» маъмул гардидааст.

Ад.: Раҷабзода А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008. *А. Раҷабов.*

АЛӢ РИЗО́ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти форс-тоҷик (а. 16). Аслан эронист. Асарҳои зиёдеро китобат кардааст. «Девони Шоҳӣ»-и Амир Шоҳии Сабзворӣ (1578), «Зафарномаи Темурӣ»-и Абдуллоҳ Ҳотифӣ (1569) аз ҷониби ӯ бо хати настаълиқи хеле зебо китобат шудаанд. Варақи аввали «Зафарномаи Темурӣ»-ро бо ду минётураи зарҳалдори хушрангубор нигошта, ҳошияи онро низ бо нақшу нигори хеле ҷолиб оро додааст. А. Р. дар хаттотӣ ҳарифи *Имоди Ҳиравӣ* буда, дар ҳусни хат ҳамто надошт. Дар аксари музофоти Эрон, хусусан дар Исфаҳон намунаҳои китобати ӯ мавҷуданд. Нусхаи бо хати хоно

нигоштаи «Зафарномаи Темурӣ»-и Ҳотифӣ дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами 2102 маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АЛӢ ХУШ (тахал., насаб ва номаш Хушмуҳаммадзода Алӣ; 1912, деҳаи Саришӯҳони ҷамоати деҳоти Булқоси ноҳ. Ғарм – 1942), нависанда, журналисти тоҷик. А. Х. баъд аз хатми мактаб с-ҳои 1925 – 29 котиби шӯрои қишлоқи Қазноқи ноҳ. Ғарм, котиби комитети инқилобӣ ва котиби комиҷроияи тумани Нусратобод (ҳоз. Навобод) буд. Ӯ солҳои 1929 – 30 курси дусолаи таълиму тарбияи Самарқандро хатм намуда, дар г. «Тоҷикистони сурх» (ҳоз. «Ҷумҳурият») аввал ба ҳайси ходими адабӣ ва баъд дар вазифаҳои мудири шӯъбаи умумӣ (мактубҳо) ва котиби масъули рӯзнома то соли 1937 (то рӯзи ба ҳабс гирифта шуданаш) кор кард. Дар Анҷумани якуми ИН Тоҷикистон А. Х.-ро ба ҳайати котибот интихоб намуданд. Пас аз анҷуман раиси комиссияи тафтишот ва мудири фонди адабии ИН Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт. Моҳи авг. 1937 бо тӯҳмати душманон ва иғвои шахсони нотавонбин А. Х. аз кор дар «Тоҷикистони сурх» ронда, баъдан дар асоси Қарори раёсати ИН Тоҷикистон ва маҷлиси умумии ҳайати нависандагон ҳамчун «душмани халқ» ва миллатчии буржуазӣ аз сафи ИН Тоҷикистон хориҷ карда шуд. Ӯ с. 1942 дар яке аз маҳбасхонаҳои Иттифоқи Шӯравӣ вафот кард. Фаъолияти эҷодӣ ва журналистии А. Х. аз с-ҳои 1929 – 30 бо навиштани нахустин шеър – «Доғи асирӣ ва дами дилшодӣ» ва хабару мақолаҳо оғоз ёфта, бо офариниши очерку ҳикоя ва повестҳову романи нотамомаш дар с. 1937 ба итмом мерасад. Дар вақти дар қайди ҳаёт будани А. Х. очеркҳои бадеиву воқеӣ ва ҳикояҳои «Шестопалов» (1934), «Дар бағали кӯҳҳо» (1935), «Ҷавонони далер» (1937), очерки бадеиву таърихии «Шӯриши Усмон» (1934) ва даҳҳо осори публитсистиву журналистиаш бо имзоҳову тахаллусҳои гуногун – «Алӣ Хуш», «А. Хушмуҳаммадзода», «Алӣ Хуш – Наистонӣ», «А. Х. Наистонӣ», «Ғармӣ», «А. Х.» ва ғ. ва осори ҳаҷвию мазҳакавиаш бо лақаби мустаори «Тиррончак» ва ғ. дастраси хонандагон гардида буданд. А. Х. ба замми осори номбаршуда боз дар матбуоти даврӣ ҳикоя, очерк, репортаж, мақола, фелетон ва дигар навъҳои осори публитсистиро доир ба мавзӯъ ва муаммоҳои рӯзмарраи замон, оид ба масъалаҳои меҳнати зарбдоронаи халқ, ҷанги ҳамватанон, ҳаёти колхозӣ, корномаҳои ҷанговарони шӯравӣ, муқоисаи зиндагии гузаштаву имрӯзаи халқи тоҷик, ба даст овардани ҳосили баланди маҳсулот, корномаи деҳқонони тоҷик, рушду камоли илму фан ва маорифу маданият ва ғ. ба табъ расонд, ки онҳо ганҷинаи публитсистикаи с-ҳои 30-и журналис тикаи а. 20 тоҷикро ғанӣ гардонданд. Ҳодиса ва муборизаҳои шадиди даврони ҷанги ҳамватанон ва воқеаҳои таърихии се даҳсолаи аввали а. 20 дар очерку ҳикояҳои «Шӯриши Усмон», «Шестопалов», «Дар бағали кӯҳҳо», «Ҷавонони далер», «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам», «Дар палатаи рақами ду», «Сирри Лаккон», «Марди майдони Ғарм – Юсуфов», «Ҳаёт ва мубориза», «Гулдаста», «Шуҷои номдор», «Салимҷон ифтихори мост», повести «Ду фронт» ва ғ. ҳаққониву дуруст инъикос ёфтаанд. Ба замми ин, қариб тамоми асарҳои хурду калони А. Х. дар асоси воқеа, далел, мавод ва прототипҳои худ чи шакли адабиву бадеӣ ва чи публитсистии таърихиву реалиро пайдо кардаанд. А. Х. дар аксар асарҳои худ мубориза, задухӯрд ва низоъҳои ҳаётиву таърихиро гоҳгоҳ бо тахайюлоти бадеӣ пайванд намуда, баъзан ҳодисаву воқеаҳо ва ҳақиқати зиндагиро бо обуранги романтикӣ мӯътамадона инъикос менамояд. А. Х.-ро яке аз кашшофони мавзӯи сохтмони Вахш дар адабиёти оғози а. 20 тоҷик мешуморанд. Бисёр хабар, сафарнома, мақола, репортаж, очеркҳои публитсистӣ ва бадеӣ, аз ҷумла повести нотамоми «Ду фронт» ва романи минбаъдааш ба корномаи аввалин фотеҳони заминҳои навкорам, заҳмату меҳнат ва зиндагонии меҳнаткашони водии Вахш бахшида шудаанд. А. Х. дар соҳаи танқиди адабӣ низ фаъолият дошт ва якчанд мақола, хулоса ва тақризҳояш дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Мақола ва тақризҳои «Даешь пйесаҳои нав!», «Муҳоҷир» – (аввалин филми бадеии тоҷик), «Эҷодиёти бузурги халқи тоҷик», «Мулоҳизаҳои мо дар ҷабҳаи адабиёти пролетарии тоҷик» ва ғ. ба масъалаҳои гуногуни адабиёти бадеӣ, адабиёти даҳанакии халқ, санъат, кино, драматургия ва эҷодиёти адибони ҷудогонаи чи ботаҷриба аз қабили Абдуррауфи Фитрат, Вадуд Маҳмудӣ, Ноил Шерзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва дигарон ва чи адибони ҷавон ба мисли Ҷ. Икромӣ, М. Турсунзода, Ҳ. Карим, Ғ. Абдулло, Р. Ҷалил, Дунган (З. Раҷабов) бахшида шудаанд. А. Х. ҳамроҳи А. Н. Болдирев яке аз аввалин ҷамъоварандагон ва тартибдиҳандагони осори адабиёти даҳанакии халқ – ҷилди якуми «Намунаи фолклори тоҷик» (1938) мебошад. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1934.

Ос.: Шӯриши Усмон, Сталинобод, 1934; Шестопалов, Сталинобод, 1934; Дар бағали кӯҳҳо, Сталинобод, 1935; Намунаи фолклори тоҷик (ҳамроҳи А. Н. Болдирев), Сталинобод – Ленинград, 1938.

Ад.: Табаров С., Алӣ Хуш, дар кит. Ҳаёт, адабиёт, реализм, китоби сеюм, Д., 1983; Маҳмадаминов А., Адиби мубориз, Д., 1988.

С. Табаров.

АЛӢ ҲУСА́ЙНИ АНСОРӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1464), хаттот ва мусаввири тоҷик. Зодгоҳаш ш. Самарқанд. А. дар ороиш ва китобати асарҳои илмиву бадеӣ маҳорати беҳамто доштааст. Китобати «Ихтирооти бадеӣ» ном асар (1541, оид ба дорусозӣ), ки ба Абдулатифи Шайбонӣ бахшидааст, аз беҳтарин намунаҳои ҳунари А. мебошад. Дар он 594 расми гиёҳ, ҳайвонот ва зарфҳои мухталифи дорусозӣ устодона тасвир ёфтаанд. Ин китоб ҳоло дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон (таҳти рақами 1998) маҳфуз аст. *С. Султонов.*

АЛӢ ШАЙХ АБУЛҲАСА́Н ибни Усмони Ҳаҷеварӣ (1010, Ҳаҷевар, наздики Ғазнин – 1072, Лоҳур), шоир, нависанда ва донишманди мутасаввифи форс-тоҷик. Ба сабаби он ки солҳои дароз дар Лоҳур (Покистон) умр ба сар бурдааст, бо номи «Шайх Алии Ҳаҷеварии Лоҳурӣ» низ шӯҳрат дорад. Ба қалами ӯ таълифот дар тасаввуф аз қабили «Вичдон» («Девони Алӣ»), «Минҳоҷ-уд-дин», «Китоб-ул-фано в-ал-бақо», «Китоб-ул-баён», «Баҳри қулуб», «Кашф-ул-маҳҷуб» тааллуқ доранд. Дар байни ин таълифот «Кашф-ул-маҳҷуб» асари маъруф ва пурарзиш ба шумор меравад. Ин асар шарҳи ҳол ва ақоиди суфиҳо, фарқи фирқаҳои гуногуни тасаввуфро дар бар гирифтааст. Чанде аз истилоҳоти тасаввуфии дар ин китоб овардашуда аз ихтирооти А. Ш. А. мебошанд, ки дар асарҳои баъдинаи тасаввуфӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. «Кашф-ул-маҳҷуб» яке аз аввалин асарҳои насри содаи форс-тоҷик мебошад. *Ҳ. Қаландаров.*

АЛКАЛО́ИДҲО (аз лот. alkali – ишқор ва юн. oidos – монанд), навъе аз пайвастҳои органикии нитроген-

дори наботӣ, ки хосияти асосӣ дошта, таъсири физиологӣ мерасонанд. Дар растанӣ кашф шудани А. аҳамияти калон дошт, зеро то авв. а. 19 гумон мерафт, ки моддаҳои наботӣ нитроген надоранд. Соли 1803 А.-и афюн дар намуди омехтаи моддаҳои кристаллӣ кашф шуд. Соли 1806 аз он алкалоиди морфинро ҷудо карданд. Дар а. 19 стрихнин, хинин, кофеин, атропин, эфедрин ва ғ. кашф шуданд. Феълан тақр. 10 ҳазор навъи А. маълум аст. А. сохти мураккаб ва аксар дар молекулаашон гетеросикл доранд. Вояи зиёди онҳо заҳр аст. А. дар растанӣ, одатан, дар намуди намаки кислотаҳои органикӣ, мас., кислотаҳои оксалат, себ, шароб, лиму ва ғ. мавҷуданд. Бештар растаниҳои дупаллагӣ (хусусан аз оилаи хашхошиҳо, мураккабгулон, чинорак ва ғ.) А. доранд. Барои ҷудо кардани омехтаи А. аз усулҳои хроматография ва таҳлили химиявӣ истифода мебаранд. Бисёр А. моддаҳои кристаллии беранг ва табиатан пайвастҳои гетеросиклӣ мебошанд (дар сиклашон атоми нитроген доранд). А.-и сода аз 10 ва А.-и мураккаб тақр. аз 50 атоми карбон иборатанд. А. бо кислотаҳо (мас., кислотаҳои сулфат, хлорид, салитсилат, оксалат ва ғ.) намак ҳосил мекунанд. Муқаррар кардани сохти А. душвор аст. Баҳри ин табиати гурӯҳеро, ки атомҳои оксиген ва нитроген дорад, муайян месозанд ва молекуларо то ба порчаҳои сохташон маълум тағзия менамоянд. Дурустии тасаввурот оид ба сохти А. бо роҳи синтез амалӣ гардонда мешавад. Сохтори чунин моддаҳои мураккаб, мас., морфин, стрихнин ва резерпин муайян карда шудааст. Гуногунии сохти А. таснифи онҳоро душвор месозад. Дар ин маврид бисёр вақт қисми нитрогендори молекулаи А.-ро чун аломати асосӣ ба эътибор мегиранд (мас., ҳосилаи пирролидин, пиридин, хиномен индол ва ғ.). Дар растанӣ бештар А.-и сохташон бо ҳам наздик мавҷуданд, бинобар ин, моддаҳоеро, ки сохташон муқаррар нашудааст, аз рӯи гурӯҳи растанӣ таснифи мекунанд, мас., А.-и чатргули захрнок, А.-и авранҷ, А.-и афюн ва ғ. Дар як растанӣ, одатан, чанд А.-и сохторашон монанд вомехӯранд. Бисёр А. (мас., кофиен, теобромин, эфедрин, ареколин ва ғ.)-ро бо роҳи синтез ҳосил мекунанд. Дар баъзе мавридҳо А.-и табиии ҷудокардаро ба дору табдил медиҳанд. Баъзеи онҳо ба силсилаи асаб, рагҳо, мушак ва ғ. таъсири интихобӣ мерасонанд. Мас., стрихнин ва кофеин системаи марказии асабро меангезад, морфин ва скополамин онро ором месозад; хинин ангезандаи варақаро маҳв мекунад; апоморфин хосияти қайоварӣ дорад; теобромин таъсири пешобронӣ зоҳир менамояд. Дар тиб асосан А.-и холис, намак ва ҳосилаҳои онҳо истифода мешаванд. Дар соҳаи кишоварзӣ А. чун инсектидсид ба кор мераванд.

Ад.: Орехов А. П., Химия алкалоидов, М., 1955; Несмеянов А. Н., Несмеянов Н. А., Начало органической химии, т. 2, М., 1970; Юнусов С. Ю., Алкалоиды, Ташкент, 1981; Самиев М., Методические разработки по теоретическому курсу биоорганической химии, ч. II, Д., 1984; Соколов С. Я., Замотаев И. П., Справочник по лекарственным растениям. Фитотерапия, М., 1988; Машковский М. Д., Лекарственные средства, М., 2001. *М. Самиев.*

АЛКИ́ЛҲО, боқимондаи (радикали) яквалентаи карбогидридҳои сер (ҳаднок), мас., метил – CH_3 боқимондаи метан (CH_4,), этил – C_2H_5 боқимондаи этан (C_2H_6,), пропил – C_3H_7 боқимондаи пропан (C_3H_8) ва ғ. Бо ҳарфи R, баъзан бо Alk, ишора мекунанд.

АЛКИЛОНӢ, ба пайвастҳои гуногуни химиявӣ дохил намудани гурӯҳи *алкилҳо.* А.-ро ба воситаи алкилгалогенидҳо (мас., C_2H_5Cl), эфирҳои кислотаҳои ноорганикӣ [мас., диметилсулфат $(CH_3O)_2CO_2$], олефинҳо (мас., этилен) ва ғ. мегузаронанд. А.-и аммиак, аминҳо ва гидразин ба тавассути алкилгалогенидҳо, диалкилсулфатҳо ва намаки онҳо сурат мегирад. Ҳангоми алкилонии аммиак (ё аминҳо) бо алкилгалогенидҳо (реаксияи Гофман) аввал алкилгалогенид аз ҳисоби ҷуфти электронҳои озоди нитроген пайваст ва сипас гид рогенгалогенид бо аммиаки (ё амини) барзиёд ҷудо мешавад. Зимни ин реаксия аминҳо ва гидразинҳои якумин, дуюмин, сеюминро ҳосил кардан мумкин аст. А.-и бензол бо алкилгалогенидҳо дар якҷоягии $AlCl_3$-и беоб (реаксияи Фриди-Крафтс) гузаронда мешавад. Реаксияи мазкур имкон медиҳад, ки ҳамаи атомҳои гидроген дар ҳалқаи бензолӣ пайиҳам ба гурӯҳи алкил иваз карда шаванд. Дар байни реаксияҳои пайвастшавии олефинҳо реаксияи дароз кардани силсилаи карбонӣ мақоми махсус дорад. Мисоли он А.-и олефинҳо бо парафин дар якҷоягии кислотаи фосфат ё сулфат мебошад. Бо ин роҳ изооктан ҳосил мекунанд, ки сӯзишвории ададии октаниаш баланд маҳсуб меёбад. Карбогидридҳои алифатии шоханок зери таъсири агентҳое, ки изомеризатсия мегарданд, бо олефинҳо пайваст шуда, бензин (бензини алкилонида) ҳосил мекунанд. Чунин реаксия бо изобутан дар иштироки кислотаи сулфати 98%-а ҷараён мегирад. Дар натиҷа ғайр аз изооктан чанд изомери дигар (ҳарор. ҷӯшиш 108 – 116°C), ки ададии октаниашон ба 100 наздик аст, ҳосил мешаванд. А. дар техника барои ба даст овардани сӯзишвории ададии октаниашон баланд (октан, изооктан ва ғ.), аминҳо (якумин, дуюмин, сеюмин ва ғ.), гомологҳои бензол (этилбензол) ва ғ. истифода мегардад.

Ад.: Каррер П., Курс органической химии, Jl., 1962; Несмеянов А. Н., Несмеянов Н. А., Начало органической химии, М., 1969; Петров А. А., Органическая химия, М., 1981.

М. Самиев.

А́ЛКИН Илиас Гиреевич (1898 – 1939), географ ва иқтисодчии советӣ. Проф. Ун-ти коммунистии меҳнаткашони Шарқ. Доир ба географияи иқтисодии чумҳуриҳои Осиёи Миёна ва масъалаҳои назариявии географияи иқтисодӣ тадқиқот бурдааст. Асари асосиаш «Осиёи Миёна. Очерки географияи иқтисодии Қароқалпоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон» (1931) мебошад.

АЛКОГОЛИ́ЗМ, майзадагӣ, истеъмоли аз ҳад зиёди машруботи спиртӣ, ки ба саломатӣ ва қобилияти кории шахси майпараст, инчунин ба маишату осудагии ҷамъият зарар мерасонад. Доир ба нӯшокиҳои спиртдор дар маъхазҳои хаттии қадимтарин маълумот вуҷуд дорад. Тарзи майкашӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим ба бисёр қабилаҳо маълум буд. Бино ба баъзе ақидаҳо дар сабоҳи инкишофи инсоният истеъмоли май дастаҷамъӣ буда, бо он ягон воқеаи дохили қабилавӣ ё ҳодисаи астрономӣ (мас., барор гирифтани шикор, ҳангоми нав шудани моҳ – ҳилол ё пур шудани он – бадр ва ғ.) қайд карда мешуд. Шароити зиндагии қабилаҳо ҳар қадар душвор гардад (мас., таҳдиди хатар, мушкил гаштани хӯрокёбӣ ва ғ.), онҳо ҳамон қадар бештар барои бартараф кардани «шиддати рӯҳӣ» ҳамроҳ шаробнӯшӣ мекарданд. Ба қадри мураккаб гаштани сохти ичтимоӣ, шаробнӯшӣ бештар хусусияти фардӣ мегирад. Душвории шароити манзилгоҳ, кам ва якранг будани ғизо, бад гаштани аҳволи зиндагӣ ва ғ. сабаби асосии мастигарӣ мешаванд. Бадмастӣ сабабҳои рӯҳӣ низ дорад. Онҳо далелҳоеанд, ки шахсони ҷудогонаро ба истеъмоли май мачбур месозанд. Хастагӣ, танҳоӣ, низоъ ба атрофиён, бечуръатӣ ва ғ.

як навъ ҳолати рӯҳии гарон ба вуҷуд меоваранд, ки зери таъсири шароб муваққатан беҳтар мешаванд. Шахс барои бартараф кардани вазъияти душвор ҳар қадар имкони кам дошта бошад, ҳамон қадар тезтар ба майнӯшӣ дода мешавад ва умеди ихтиёрӣ бас кардани он низ кам мегардад. Шаробнӯшӣ тақлидӣ низ мешавад. Тақлид мафҳуми шартист. Сабаби асосии чунин тарзи шаробнӯшӣ оқибати А.-ро мулоҳиза накарда, ба дилхушии рӯякӣ саъю кӯшиш намудан аст. Ҳамчунин вуҷуд доштани ақидаи хато оид ба нерӯбахшии арақ, баҳри организм аҳамият доштани он, таъсири урфу одатҳо, тасаввуроти ғалат, ки истеъмоли май нишонаи болигӣ, мустақилӣ ва мардонагист, мӯчиби дар байни ҷавонон авҷ гирифтани шаробнӯшӣ мегардад. Барои зиёд шудани А. махсусан таъсири атрофиён (падару модар, рафиқон) ва муносибати онҳо нисбат ба нӯшокиҳои спиртдор бағоят калон аст. Тадқиқот муқаррар намуданд, ки аз ҳад зиёд арақ нӯшидани волидайн (ё яке аз онҳо) ва тарбияи нодурусти фарзандон (ғамхории беҳад, эрка намудан, беназоратӣ, ҷангу ҷидоли оилавӣ ва ғ.) сабаби авҷ гирифтани А. мешавад.

А. дар ҳама тарзҳои ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятӣ инъикос меёбад. На фақат мунтазам, балки тасодуфан истеъмол кардани нӯшокиҳои спиртдор низ ба саломатӣ зарар дошта, аксар вақт боиси вайрон шудани оилаю тарбияи бади фарзандон мегардад. Аз таъсири арақ одамон ҳисси масъулиятро дар назди ҷамъият ва давлат гум карда, рафторҳои бадахлоқона менамоянд. А. ба истеҳсолот зарар меорад, маҳсули меҳнатро паст карда, боиси фалокат ва марги одамон мегардад. Дар натиҷаи А. савияи маънавӣ паст ва накӯаҳволии мардум бад мешавад.

А. ба тамоми узву бофтаҳои инсон таъсири бад мерасонад. Мунтазам нӯшидани шароб шахсро хуморӣ мекунад, ӯ дигар миқдори майи нӯшидаашро назорат карда натавониста, тадриҷан ба бемориҳои гуногун (мас., психоз, неврит, гастрит ва ғ.) гирифтор мегардад. Тағйир ёфтани рӯҳия (ба ҳаяҷон омадан, рӯҳафтодагӣ ва ғ.), ки ҳатто аз истеъмоли тасодуфии шароб низ сар мезанад, аксар вақт ҳангоми мастӣ сабаби афзудани худкушӣ мешавад (худкушӣ дар байни майзадаҳо нисбат ба шахсоне, ки арақ наменӯшанд, 8 – 10 маротиба зиёд аст). Ихтилоли мубодилаи витаминҳо (хусусан витаминҳои гурӯҳи В) ва бевосита таъсири захрнок доштани шароб сис темаи асаби канориро иллатӣ карда, неврит, полиневрит ва ғ-ро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми А.-и музмин дар натиҷаи ларзидани ангуштони даст, пилки чашм, нӯги забон (хусусан саҳарӣ то нӯшидани арақ) шахс аз ӯҳдаи иҷрои кори муқаррарии худ намебарояд. Қариб дар ҳамаи бадмастон аломатҳои ихтилоли системаи асабҳои нашвӣ (серарақӣ, хунук будани кафи даст ва ғ.) мушоҳида мешавад; қувваи босира, шома ва someаи чунин одамон аксар вақт суст аст. Шароб ба луобпардаи меъда таъсир карда, вазифаи онро тағйир медиҳад. А. ҳар қадар тӯл кашад, луобпардаи меъда ҳамон қадар бештар осеб меёбад. Шароб хусусан ба ҷигар таъсири бад мерасонад; зимни дуру дароз ва мунтазам истеъмол намудани он сирози алкоголии ҷигар сар мезанад. А. яке аз сабабҳои асосии бемориҳои ғадуди зери меъда (панкреатит, диабети қанд), зиқи дил, сактаи дил аст. Атеросклерози рагҳои иклилии дил ва рагҳои майна дар одамоне, ки бис ёр шароб менӯшанд, нисбат ба одамони дигар 4 – 5 ва бемории гипертония бошад, 3 – 4 маротиба бештар рух медиҳад; атеросклерози рагҳои майна ва дил дар ҷавононе, ки аз ҳад зиёд шароб истеъмол мекунанд, ҳанӯз дар 25 – 30-солагӣ мушоҳида мешавад. А. ба ғадудҳои дохилӣ, хусусан ба ғадудҳои ҷинсӣ зарар дорад. Таъсири шароб дар мардҳо муҷомаатро суст карда, дар занҳо боиси қатъи бармаҳали ҳайз ва паст гаштани қобилияти зоиш мегардад. Мунтазам истеъмол намудани шароб одамро ба пирии бармаҳал ва маъюбӣ мебарад. Умри майзадаҳо нисбат ба умри дигарон 15 сол кам аст. А. ба истеҳсолот низ таъсир мерасонад; бисёр идораю муассисаҳо дар натиҷаи ба кор набаромадани коргарон, маҷрӯҳ шудани онҳо, фалокат, дуздӣ, паст шудани самари меҳнат ва ғ. зарари ҷиддӣ мебинанд. Маҳсули меҳнати бемморони гирифтори М.-и музмин нисбат ба маҳсули меҳнати одамони солим ба ҳисоби миёна қариб 10% паст аст. Ҳангоми ширакайфӣ маҳсули меҳнати коргарони пуртаҷриба 30% ва ҳангоми маст будан 70% паст мешавад. Мутобиқи банди 6-уми моддаи 46 Кодекси меҳнати ҶТ барои дар ҳолати мастӣ ба кор ҳозир шудан, коргар аз кор озод карда мешавад. А. бисёр вақт боиси содир кардани ҷиноят мегардад. Авбошӣ, одамкушӣ, зӯроварӣ ва ғ. на фақат дар натиҷаи мунтазам, балки аз тасодуфан нӯшидани шароб низ сар мезанад. Барои ба даст овардани пул майпараст қодир аст худро хонавайрон кунад, хорӣ кашад ва ҳатто ҷиноят содир намояд. А.-и падару модар ба тарбияи фарзанд таъсири бад мерасонад. Муҳити фосиқи оила, барҳам хӯрдани ҳурмату эҳтиром нисбат ба падару модар на танҳо кӯдакро хашмгину дамдузд, балки рафтору кирдори ӯро тағйир дода, майнӯш ва беҷогарду ҷиноятқор мекунад.

Ҳуқуқи ҷиноӣ муқаррар мекунад, ки шахсони дар ҳолати мастӣ ҷиноят содиркарда аз ҷавобгарӣ озод карда намешаванд ва дар баъзе ҳолатҳо мастӣ гуноҳро вазнинтар (мас., дар ронандагон) мегардонад. Дар Тоҷикистон ба идора кардани воситаҳои нақлиёт, ҳатто ҳангоми ширакайф будан низ, роҳ дода намешавад. Вайрон кардани ин қонун амалиёти барқасде ҳисоб мегардад, ки барои сар задани фалокати нақлиёт равона шудааст ва вобаста ба шароит ба гунаҳкор ҷазои маъмурӣ (ҷарима, муваққатан ё доимӣ аз ҳуқуқи ронандагӣ маҳрум кардан) ё ҷиноӣ дода мешавад.

Н. Шарофова.

АЛКО́Р (80 Дубби Акбар), яке аз ситораи дуқӯша (бо Митсар) дар бурҷи Дубби Акбар (Хирси Калон). Дар қатори ҳафт ситораи равшани бурҷ, ки шакли кафлезро мемонад, ситораи дуқӯшаи машҳури осмон – Митсар ва А.-ро дидан мумкин аст. Ин ситораҳоро «Аспу савора» низ меноманд. Аз замонҳои қадим дар осмони ситоразор фарқ намудани А. қобилияти тезбинии чашмро ифода мекард. Ривоятест, ки гӯё дар Мисри Қадим ба қӯшунҳои яккачини Фиръавн ҷавононеро қабул мекарданд, ки дар осмон ин ситораҳоро фарқ кунанд. Қадри ситоравии А. 4,02, синфи спектралиаш A5V, масофа то Замин 78±1 с.р. (24±0,4 пк), аз Митсар дар масофаи 3 с.р. ҷойгир аст.

АЛЛА́, суруди маъмули халқист, ки ҳангоми хобондани кӯдак месароянд. А. матни махсус надорад. Онро модарон ҳангоми гаҳворачунбонӣ бадоҳатан эҷод мекунанд. Баъзан шеърҳои халқӣ ё китобӣ, ки рӯҳи ҳузнангез дошта бошанд, ба сифати А. суруда мешаванд. Дар А. руҳия ва эҳсоси модар, орзуву умедҳои ӯ барои хушбахтии кӯдак ифода меёбад. А., одатан, бо калимаҳои «алла, аллаё, алла» ё «алла гӯям, аллаё», ки дар охири ҳар мисраъ такрор мешаванд, оғоз меёбад. Модар баъзан ба воситаи А. дарди дили худро низ холӣ мекунад. А.-ро на танҳо модарон, балки

бибиҳо, хоҳарон ва дигарон низ месароянд. А. дар тарбияи ҳиссу завқи кӯдакон мадади калон мерасонад. Вай эҳсоси эстетикии тифлро бедор намуда, ба дарки нафосати савту овозҳои форам ва оҳанги сухан мадад мекунад. Абуалии Сино хосияти тарбиявии сурудҳои А.-ро қайд намуда, дар ҷилди 1-уми «Ал-қонун» навиштааст, ки «барои қонеъ кунонидани тақозои кӯдак ду василаро ба кор бурдан лозим аст: аввал, гаҳвораи ӯро мавзун ҷунбонидан, сонӣ, то ин ки хобаш барад, А. гуфтан. Вобаста ба қобилияташ дар замири кӯдак майлу рағбате ба варзиш ва мусиқӣ ба вуҷуд меояд». А. дар маҳалҳои гуногун ҳар хел суруда мешавад. Ҳангоми А.-гӯӣ истифодаи оҳангҳои фораму содаи халқӣ низ ба назар мерасад. Шоирону оҳангсозони тоҷик А.-ҳои нави замонавӣ эҷод кардаанд. Дар тақлиди оҳангу шакли А.-ҳои халқӣ сурудҳои ҳаҷвӣ ва ҳазломез низ ба миён омадаанд.

Ад.: Данскер О. Л., Музыкальная культура таджиков Каратегина и Дарваза, дар кит. Искусство таджикского народа, в. 3., Д., 1965; Кароматов Ф., Нурчонов Н., Музыкальное исскусство Памира, М., 1978.

З. Тоҷикова, Б. Шермуҳаммадов.

«АЛ-ЛАМАЪ ФИ-Т-ТАСАВВУ́Ф», «Ал-ламаъ», асари *Абунасри Сарроҷ* доир ба *тасаввуф*. Он яке аз асарҳои нодире роҷеъ ба афкори суфиёни аҳди аввали ислом мебошад. Дар оғози «А» муаллиф оид ба асли баромади калимаи «тасаввуф» ақидаҳои гуногун оварда, назари худро нисбат ба онҳо баён намуда, масъалаҳои шариату маърифату ҳақиқатро баррасӣ кардааст. Дар «А» муаллиф шарҳи одоби мутасаввифон, тавзеҳи алфоз ва истилоҳоти мураккаб, таъбиру тафсири шатҳиёти суфиёнро возеҳан зикр кардааст. Дар «А» номи зиёда аз 200 суфии аҳди аввали ислом оварда шудаанд. Абунасри Сарроҷ ҳафт мақом (тавба, вараъ, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул ва ризо)-ро эътироф намуда, баъди мақоми аввал ҳар мақоми минбаъдаро ба тариқи силсила овардааст. Дар «А» маҷмӯи «аҳвол»-и суфиён ба даҳ қисм (муроқаба, қурб, ишқу муҳаббат, хавф, ризо, шавқу унс, итминон, мушоҳада ва яқин) тақсим шудааст. Ба ақидаи Абунасри Сарроҷ лақаби авлиё (ниг. *Валӣ*) аввал ба анбиё (ниг. *Набӣ*) ва баъд ба онҳое тааллуқ дорад, ки ба воситаи таҳзиби ахлоқу тасфияи нафс ба ҳақиқати абадӣ мерасанд. Дар «А» каромот, мӯъҷизоти авлиё ва суханони шатҳомези онҳо низ зикр шудаанд. «А» барои омӯхтани таърихи тасаввуф, истилоҳоти он, мақомоти суфиён, шатҳиёти бузургони суфия аҳамияти калон дорад. *Ё. Одинаев.*

АЛЛЕГРЕ́ТТО (итал. allegreto - суръати мӯътадилу шӯх), аз аллегро (allegro), 1) суръати на он қадар тези мусиқӣ; 2) мафҳуме, ки фораму рӯҳбахш будани савти мусиқиро ифода мекунад (бештар бо унсурҳои рақсӣ шабеҳ дониста мешавад). А. дар аксари асарҳои мусиқӣ вохӯрда, суръати гуногуни мусиқиро дорост. Мас., аз суръати бисёр суст (Бетховен, сонатаи 9-ум барои фортепиано, мм=d=56) то суръати шӯх (Бетховен, сонатаи 2-юм барои фортепиано, мм=9=160). Суръати шартии А. нисбат ба allegro суст ва нисбат ба mode rato тезтар мешавад; 3) номи асар ё қисми мусиқӣ, ки зимни хусусиятҳо ва суръати А. эҷод шудааст. Бештар менуэт ва финали (дар намуди рондо) сонатаҳо, баъзан қисми якуми он (Бетховен, сонатаи № 28, барои фортепиано) ё қисми сусти он (Бетховен, симфонияи № 7) дар ҳамин суръат эҷод мешавад. *Ш. Ҳабибов.*

АЛЛЕ́ГРО (итал. allegro - зинда, шӯх), 1) дар мусиқӣ суръати баланд ро гӯянд. Рӯҳбаландона навохтани ягон қисми мусиқӣ; 2) пйесаи мусиқӣ ё қисме аз он, ки бо ҳамин суръат иҷро мешавад. Одатан қисми 1-ум, баъзан қисми 4 ва минбаъдаи симфония, квартет, сонатаро А. номанд; 3) дар санъати хореографияи классикӣ қисми авҷноки па де дё, па де труа ва ғ. Рақси муштараки хотимавӣ ба тарзи А. иҷро мешавад. *Ш. Ҳабибов.*

АЛЛО́Н-ДУЛЛО́Н, бозии коллективонаи бачагони тоҷик. А. навъҳои зиёд дорад ва бештар бо иштироки 4 бозигар сар мешавад. Бозигарон нишаста, пойҳояшонро дароз мекунанд. Яктоашон бо овози баланд мегӯянд: «Аллон-дуллон, хӯҷа калон, аркаш баркаш, як пота каш!». Бозигарон зуд пойҳояшонро аз давра кашида пинҳон менамоянд. Касе, ки ин шартро мунтазам ва зуд иҷро накард, бо қарори гурӯҳ «ҷазо» мегирад. Мас., хӯпоқ задан ва ғ. А. дар бачагон хушёрӣ ва чолокиро инкишоф дода, онҳоро дар рӯҳи коллективизм тарбия мекунад. *З. Х. Икромов.*

АЛЛЕЛОПА́ТИЯ (аз юн. allelon – дутарафа ва pathos – таъсир), таъсири як растанӣ ба растании дигар, ки дар натиҷаи аз худ хориҷ кардани моддаҳои махсус (антибиотикҳо, фитонсидҳо, меразминҳо, колинҳо) ба амал меояд. Баъзе микроорганизмҳо антибиотик ҳосил карда, рушди микроорганизмҳои дигарро бозмедоранд. Меразминҳоро низ микроорганизмҳо ба вуҷуд меоваранд ва рушди растаниҳои олиташаккулро суст менамоянд. Фитонсидҳо маҳсули растаниҳои олиташаккул буда, боиси сустшавии инкишофи микроорганизмҳо мегарданд. Колинҳоро баъзе растаниҳои олиташаккул баҳри заиф намудани рушди растаниҳои дигари олиташаккул ҳосил мекунанд. Ҳамин тавр, А. яке аз шаклҳои таъсири мутақобилаи растаниҳост. Маълумоти нахус тин оид ба А. дар асарҳои олимони Юнони Қадим ва Рим (Теофраст, Плинейи Калонӣ) оварда шудаанд. Мас., онҳо қайд кардаанд, ки маводи ихроҷкардаи дарахти ғор, финдиқ ва баъзе сабзавот ба инкишофи ток ва сифати ангур таъсири манфӣ мерасонад. Алҳол муқаррар шудааст, ки бис ёр растаниҳои дар токзор рӯида сабзиши токро метезонанд (мас., шилха, нахӯд ва ғ.) ё суст мекунанд (мехаки сафед, вазирак, авранҷ ва ғ.). Пайдоиши чим низ ба сабзиши ток таъсири манфӣ мерасонад. Таъсири захри занбӯруғҳои ҷинси Penicillium ва Aspergillus ҳам ба узвҳои гуногуни ток кам нест. Тухми ангур антибиотике дорад, ки ба дигар растаниҳо, бактерияҳо ва занбӯруғҳо таъсири заифсозанда мерасонад. Омӯзиши А. баҳри мусоид сохтани низоми парвариши дарахтон, хусусан, бо роҳи кишти алафҳои гуногун бартараф кардани *филлоксера* муҳим аст.

АЛЛЕ́ЛҲО (аз юн. allelon – байниҳам, дутарафа), генҳое, ки дар ҷойгоҳҳои якхелаи хромосомаҳои гомологӣ (ҷуфт) воқеъ гашта, самти инкишофи мухталифи ҳамон як аломатро муайян месозанд. Истилоҳи А.-ро олими даниягӣ В. Иогансен (1909) ба ҷойи истилоҳи аллеломорфҳо, ки генетики англис У. Бэтсон (1902) истифода карда буд, пешниҳод намудааст. Ҳар ген вобаста ба сохтор метавонад дар ду ҳолати аллелӣ ҷой дошта бошад. Яке аз онҳо (А.-и доминантӣ) ҳолати аллелии генро, ки инкишофи пурраи аломатро таъмин месозад, ифода менамояд. Дигарӣ (А.-и ретсессивӣ) боиси қисман ё пурра ноаён гаштан ё тағйир ёфтани зуҳуроти ҳолати аллелии ген мешавад. Мас., дар растаниҳо А.-и доминантӣ боиси пайдоиши гулҳои рангин, А.-и ретсессивӣ бошад, боиси ба вуҷуд омадани гулҳои беранг хоҳанд шуд; гене, ки ранги чашмро муайян месозад, дар одамони мешчашм дар шакли А.-и доминантӣ (як ё як ҷуфт) ва дар одамони кабудчашм дар шакли А.-и ретсессивӣ вуҷуд дорад. Генҳои мансуб ба як гурӯҳи ал-

лелиро бо як ҳарф ифода мекунанд: А.-и доминантӣ бо ҳарфи калон, А.-и ретсессивӣ бо ҳарфи хурд (мас., B ва b). Дар ҳар хромосомаи гомологӣ метавонад фақат А.-и ҳамон ген вуҷуд дошта бошад. Азбаски организмҳои диплоидӣ дорои ду хромосомаи гомологианд, дар ҳуҷайраи ҷисми ин организмҳо дутогӣ А.-и ҳар кадом ген мавҷуд аст. Дар мавриди ҳосил шудани ҳуҷайраҳои ҷинсӣ ба ҳар яки онҳо фақат як аллел бо як хромосома дохил мешавад. Ҳангоми бордоршавӣ (омезиши ҳуҷайраҳои ҷинсӣ) хромосомаҳо аз дигар ҷуфт ва А. барқарор мешаванд. А.-и доминантӣ ва ретсессивӣ дар ҳолати гомозиготӣ (BB ё bb) ё гетерозиготӣ (Bb) ҷой дошта метавонанд. Агар ген дар чанд ҳолат (зиёда аз ду) дучор шавад, дар ин маврид он А.-и сершуморро ҳосил мекунад (ниг. низ *Ирсият*).

АЛЛЕРГЕ́Н, антигенҳое, ки дар ашхоси нисбати онҳо ҳассос аксуламали аллергиро ба вуҷуд меоваранд. Аксуламали аллергӣ тадриҷан баъди ба организм ворид шудани аллерген (пас аз 24 – 72 соат) оғоз мегардад, вале агар дар хуни бемор оид ба ҳамин аллерген подтан (ҷисми бегона) мавҷуд бошад, он тезтар, яъне баъди 15 – 20 дақ. ба вуқӯъ меояд. Вобаста ба пайдоиш А.-ҳо маишӣ, эпидермиявӣ, инсектисидӣ ва ғ. мешаванд. Муҷиби аллергия метавонад гарди растанӣ, чанги хона, матоъҳои синтезӣ, баъзе хӯрокворихо, дорувор ва дигар А.-ҳо бошад. А. ба организм ворид шуда, дар бофтаҳои лимфоидӣ подтанҳо ҳосил мекунад. Дар натиҷа моддаҳои барои организм захрнок (гистамин, атсетилхолин, гепарин, брадикинин) ҳосил мешаванд.

АЛЛЕРГИ́Я (юн. allos – дигар, бегона ва ergon – таъсир), ҳассосияти ғайриоди (баланд)-и организм, ки дар натиҷаи таъсири баъзе омилҳои муҳит, мас., моддаҳои химиявӣ, микробҳо ва маҳсули фаъолияти ҳаёти онҳо, хӯрокворӣ, дору ва ғ. (онҳоро аллерген меноманд) ба вуҷуд меояд. Истилоҳи «аллергия»-ро дар илм с. 1906 педиатри австриягӣ К. Пирке барои ифодаи аксуламали ғайримуқаррарии баъзе кӯдакон, ки баъди тазриқи зардоби зидди хуноқ пайдо мешуд, ҷорӣ кардааст. А. боиси инкишофи бемориҳои аллергӣ мегардад.



Кӯдаки гирифтори аллергия.

Бемориҳои аллергӣ аз даврахои қадим маълуманд. Ҳанӯз ҳаким *Буқрот* (а-ҳои 5 – 4 то м.) таъкид карда буд, ки баъзе хӯрокворихо ба организми одам намефоранд ва боиси пайдоиши *саглес* ва ихтилоли кори меъда мегарданд. Ба гуфтаи *Ҷолинус* (а. 2 то м.) баъзан аз бӯи гул зуком ба вуҷуд меояд. Дар а. 19 исбот шуд, ки сабаби табларзаи хасбедагӣ ба тавассути нафаскашӣ фурӯ бурдани гарди растаниҳост; ҳамчунин фарзияе пайдо шуда буд, ки ба роҳи нафас афтодани гарду чанг дар ниҳояти кор боиси пайдоиши бемории зиқи нафас мегардад.

Бемориҳои аллергӣ (зиқи нафас, поллиноз, саглес, зукоми аллергӣ, дерматитҳо, А- и хӯрок ва дору) дар тамоми ҷаҳон паҳн шудаанд. Дар баъзе мамлакатҳо то 10%-и аҳолӣ гирифтори бемориҳои гуногуни аллергӣ аст. Бештар зиқи нафас, поллиноз ва саглес паҳн шудаанд, ки сабаби ин фаровон истифода бурдани антибиотикҳост. Тараққиёти пуравҷи саноати химия ва истеҳсоли миқдори зиёди моддаҳои гуногуни синтезӣ, рангҳо, хокаҳои ҷомашӯй ва ғ. (аксари онҳо аллергиязоанд) низ яке аз омилҳои паҳн шудани бемориҳои аллергӣ мебошанд. Пайвастҳои гуногун – аз моддаҳои содаи химиявӣ (бром, йод) то моддаҳои мураккаб (сафедаҳо, полисахаридҳо) – метавонанд чун аллерген таъсир расонанд. Баъзе аллергенҳо ба организм аз берун ворид шуда (экзогенӣ), баъзеи дигар дар худи организм ташаккул меёбанд (эндогенӣ ё аутоаллергенҳо). Аллергенҳои экзогенӣ ду хеланд: ғайрисироятӣ (гарду чанги хона, пашми ҳайвонот, дору, моддаҳои химиявӣ, гарди растанӣ, хӯрокворихои гӯштиву ширӣ ва наботӣ) ва сироятӣ (бактерияҳо, вирусҳо, занбӯруғҳо ва маҳсули фаъолияти онҳо). Дар сурати бори аввал ба организм ворид гаштани аллерген, таассурҳои ғайримуқаррарии аллергӣ рӯй медиҳанд. Он гоҳ ҳассосияти организм баланд намешавад, аммо худи аллерген моддаҳоеро ҳосил мекунад, ки онҳо ҳуҷайра, бофта ва узвҳоро иллатнок мегардонанд.

Ба одам бештар таассурҳои махсуси аллергӣ хосанд. Таассурҳои аллергӣ аз рӯи вақти падидоӣ ду хел мешаванд: бетаъхир ва суст. Баъд аз 15 – 20 дақиқаи ба бемор таъсир расондани аллергени махсус дар пӯст ва узвҳо таассурҳои аллергӣ ба амал меоянд, ки онҳоро, одатан, таассурҳои бетаъхир мегӯянд. Обилаи пӯст, ихтилоҷ (спазма)-и бронхҳо, ихтилоли кори меъдаю рӯда, садамаи анафилаксӣ, поллинозҳо, саглес, зиқи нафас, бемории зардоб ва обварам (обварами Квинке) аз ҷумлаи таассурҳои аллергии бетаъхиранд. Таассурҳои сус ти аллергӣ, одатан, пас аз чанд соат ё шаборӯз авҷ мегиранд. Бемориҳои пӯст, ки дар коргарони саноати химия, дорусозӣ, кормандони тиб, инчунин ҳини ҳассосияти организм ба бактерияҳо мушоҳида мешаванд (мас., ҳангоми сил, брутселлёз, манқагӣ, туляремия ва ғ.), таассурҳои сусти аллергӣ мебошанд. А. метавонад дар ҳама ҳолатҳои тамоси организм бо аллерген инкишоф наёбад. Дар пайдоиши он ирсият, ҳолати системаи асаб ва системаи эндокринӣ мақоми муайян доранд. Муқаррар кардаанд, ки агар волидайн гирифтори поллинозҳо, садамаи анафилаксӣ, зиқи нафас (шакли ирсии он), баъзе намудҳои зукоми аллергӣ бошанд, пас дар бештар аз 70%-и кӯдакони онҳо бемориҳои аллергӣ инкишоф меёбанд; дар оилаҳое, ки яке аз волидайн бемор аст, то 56%-и кӯдакон ба амрози аллергӣ гирифтор мешаванд.

Ҳангоми ташхиси бемориҳои аллергӣ аз бемор муфассал пурсидани таърихи касалӣ басо муҳим мебошад, чунки аз сухани ӯ оид ба хусусияти беморӣ ва омилҳои пайдоиши он хулоса баровардан мумкин аст. Духтур ба ин васила аз кадом гурӯҳи аллергенҳо пайдо шудани бемориро тахминан муайян карда метавонад. Аллергенҳои бемориангезро ба тавассути озмоиши махсус ва тадқиқи лабораторӣ ошкор мекунанд. Ташхиси бемориҳои аллергӣ, муолиҷа, бистаригардонии баъзе гурӯҳҳои беморон, ёрии махсуси машваратӣ ба муассисаҳои муолиҷавии дигар, баҳисобгирии бемориҳои аллергӣ, тарғиби маълумоти аллерголоғӣ дар байни кормандони тиб ва аҳолӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии кабинетҳои аллерголоғӣ мебошад. Тадбирҳои пешгирии бемориҳои аллергӣ: роҳ надодан ба тамоси такрорӣ бо моддаҳое, ки ҳассосияти баланди организмро ба вуҷуд меоваранд; ҷилавгирии ихтилоли аксуламали муҳофизатии ор-

ганизм. Шири модар муҳимтарин воситаи пешгирии А.-и кӯдакон аст. Кӯдаконе, ки ғизои сунъӣ мегиранд, ба бемориҳои аллергӣ бештар гирифтор мешаванд. Баҳри дучор нагаштан ба А. риояи низоми дурусти меҳнат ва истироҳат аҳамияти калон дорад.

Ад.: Леонов В. Л., Гардеев А. Н., Горлина И. К., Новоженов В. Г., Клиническая иммунология для врачей, М., 1997; Аллергические болезни. Диагностика и лечение, М., 2000; Унифицированная программа по аллергологии, М., 2000. *М. Ҷӯраев.*

АЛЛЕРГОЛО́ГИЯ (аз *аллергия* ва юн. logos – илм), як фасли илми тиб, ки сабаб, тарзи инкишоф, зуҳуроти клиникии бемориҳои аллергӣ ва усулҳои пешгирию муолиҷаи онҳоро дар бар мегирад. А. бо иммунология зич алоқаманд аст. Баъзе амрози аллергӣ ба узвҳои дарун (мас., як қатор бемориҳои хун, зиқи нафас, тарбод, артрити тарбодӣ, тиреоидит, гломерулонефрит), баъзе дигар ба бемориҳои чашм (конъюнктивити аллергӣ, офталмияи симпатикӣ ва ғ.), гӯшу гулӯю бинӣ (ринитҳои аллергӣ, синуитҳо, ларингитҳо ва ғ.), асаб (полирадикулоневритҳои аллергӣ, энсефаломиелитҳои баъдиваксинавӣ, склероз ва ғ.), пӯст (дерматозҳои касбӣ, саглес) мансубанд. А. дар нимаи якуми а. 20 дар натиҷаи зиёд шудани бемориҳои аллергӣ ба миён омад. Дар А.-и муосир таҷрибаҳо дар ҳайвонот, усулҳои тадқиқи иммунологӣ, патофизиологӣ ва патохимиявӣ, роҳҳои мухталифи пажӯҳишҳои клиникоиммунологӣ (тестҳои пӯстӣ ва серологӣ), патофизиологӣ ва патохимиявии ашхоси гирифтори бемориҳои аллергӣ (намуна барои омӯзиши фаъолияти шуш, муқаррар кардани миқдори гистамин ва дигар моддаҳои фаъоли биологӣ дар хун) васеъ кор фармуда мешаванд.

Ад.: Адо А. Д., Общая аллергология, М., 1978; Земеков А. М., Клиническая иммунология и аллергология, Воронеж, 1997.

АЛЛИГА́ТОРҲО (лот. Alligator, аз исп. el lagarto – калтакалос), як ҷинси хазандаҳо. Мансуб ба типи хордадорҳо ва қатори *тимсоҳҳо* мебошанд. А. ду намуд доранд: миссисипӣ ва хитойӣ.

А.-и миссисипӣ (A. mississippiensis) хазандаи азимҷусса (дарозиаш 4 – 4,5 м) буда, пойҳои кӯтоҳи ғафс дорад (лекин лукмаашро бо суръати тез дошта мегирад); пойҳои пеш аз панҷ ва қафо аз чор ангушт иборат мебошанд (байни ангуштони пойҳои пеш пардаи шиноварӣ дорад). Тахтапушти А. паҳно ва ранги сиёҳ дош та,



Аллигатор.

бо сипарҳои шохин пӯшида шудааст; думаш пурқувват (думи А.-и ҷавон рахи зарди баланд дорад); чашмонаш хокистарранг. Дар дарёҳо, ҳавзҳо, ботлоқзорҳои штатҳои Каролина ва Флоридаи ШМА, ҳамчунин дар соҳили халиҷи Мексика маскунанд. Наринаҳои калон, одатан, танҳо ва наринаҳои хурд гурӯҳ-гурӯҳ мегарданд. Давраи болиғии А.-и америкоӣ ба дарозии тан вобаста аст (мавриди ба 180 см расидани дарозии тан болиғ мегардад). Модинааш то 35 – 50 тухм мегузорад. Хазандаи тезгард буда, дар хушкӣ бо суръати 45 км/соат ҳаракат карда метавонад. Одатан, шабона ба шикор мебарояд. Тӯъмаи онҳо моҳӣ, парандаю ҷонварони ширхӯри обӣ, нармбаданҳо ва харчангшаклҳоянд.

А.-и хитойӣ (A. sinensis) зарди хокистарранг буда, ҷоғи поёнаш доғҳои сиёҳ дорад. Тахтапушт, шикам ва пилки чашмонашро сипарҳои шохин фаро гирифтаанд. Тани А.-и хурд панҷ ва думи онҳо ҳафт рахи зард дорад (баробари калон шудан, раҳҳо нест мешаванд). Дарозии модинааш – то 2,2 м, наринааш – тақр. 1,4 – 1,7 м. Модинааш то 10 – 40 тухм мегузорад. А.-и хитойӣ дар ҳавзаи д. Янтзи мас кун шудаанд.

А. сари паҳн дошта, ҳангоми пӯшида будани даҳон дандонҳои чоруми ҷоғи поён нопадиданд (фарқи онҳо аз тимсоҳ дар ҳамин аст). Аз ох. тирамоҳ то авв. баҳор А. ба ҳолати карахтӣ мегузаранд. Ҳавои сарду гармои зиёдро дар лонаҳои соҳилӣ (дар чуқурии 1 – 1,5 м) мегузаронанд. Баъди оғози мавсими боронгарӣ ба гушн меоянд. А. то 85 сол умр мебинанд. Солҳои охир аз сабаби бисёр шикор кардани А. шумораи онҳо хеле кам гаштааст. А. - и хитойӣ ба Китоби Сурх дохил карда шудаанд.

Аз пӯсти А. ҷомадон, зин ва ғ. месозанд. Бо ин мақсад дар штатҳои Флорида, Техас ва Луизианаи ШМА А.-ро дар фермаҳои махсус парвариш мекунанд.

АЛЛИЛСИАНИ́Д, $CH_2 = CHCH_2CN$ (3 – бутеннитрил), моеи беранг; ҳарор гудозиш – 86,8°С, ҳарор ҷӯшиш – 118,5°С, зичиаш – 0,8377; дар об бад, дар ҳалкунандаҳои органикӣ хуб ҳал мешавад. Бо об ва обу спирти аллил омехтаи азеотропӣ ҳосил мекунад. А. хосияти нитрилҳои беҳади алифатиро дорад. Дар муҳити ишқорӣ изомеризатсия шуда, омехтаи сис-, транс-изомерҳои кротононитрил ($CH_3CH = CHCN$)-ро ба вуҷуд меоварад. Аз ин сабаб ҳангоми гидролизи ишқории А. кислотаи кротонат ($CH_3CH = CHCOOH$) ва дар мавриди гидролизи кислотагӣ кислотаи винил атсетат ($CH_2 = CHCH_2COOH$) ҳосил мешавад. Дар иштироки асосҳо бо моддаҳое, ки атоми гидрогени фаъол доранд, ба реаксия медарояд. Дар ин маврид А. ба изомеризатсия дучор меояд. А.-ро дар натиҷаи таъсири ҳамдигарии аллилбромид (ё аллилхлорид) ва CuCN бе ҳалкунанда ё аллилхлорид ва HCN (ё NaCN) дар муҳити обӣ ҳосил мекунанд. Ба сифати аксептор (гиранда)-и хлориди гид роген $CaCO_3$-ро истифода мебаранд. А.-ро метавон барои истеҳсоли кислотаи винилатсетат кор фармуд.

АЛЛИЛХЛОРИ́Д, хлориди аллил, $CH_2 = CH – CH_2Cl$, як навъ пайвасти органикист. Моеи беранг, бӯи тез дорад; ҳарор. ҷӯшишаш 45°С, зичиаш 938 кг/м^3 (дар 20°С), массаи мол. 76,53. Дар об бад, дар ҳалкунандаҳои органикӣ хуб ҳал мешавад. А.-ро аз спирти аллил бо таъсири PCl ҳосил кардан мумкин аст:

$$CH_2 = CH – CH_2OH + PCl_5 \rightarrow$$
$$\rightarrow CH_2 = CH – CH_2Cl + POCl_3 + HCl$$

А.-ро дар саноат бо роҳи хлоронидани пропилен дар ҳарор. баланд (500°С) ҳосил мекунанд. А. дар истеҳсоли эпихлоргидрин, глитсерин, дору, инсектисидҳо, эфирҳои аллилӣ, спирти аллилӣ, баъзе хелҳои пластмасса, ширеш ва нармкунандаҳо, аллиламин, циклопропан, аллилсахароза истифода мешавад.

АЛЛОГЕНЕ́З (юн. allos – дигар ва genesis – пайдоиш), яке аз равияҳои асосии пешрафти таҳаввулот. Истилоҳи А.-ро с. 1967 проф. украин А. А. Павлов дар илм ҷорӣ кардааст. А. ба вуҷуд омадани тағйирот дар

сохтор ва фаъолияти баъзе гурӯҳи организмҳо мебошад. Мас., гуногунии нӯли парандагон имкон медиҳад, ки онҳо ғизоҳои мухталифро мутобиқ ба шароит истифода баранд. Чунин ҳолатро метавон дар тарзи ҷойгирии дандонҳои ҳайвоноти ширхор ва гуногунии тухми растаниҳо низ мушоҳида кард. Мисоли маъмули А. телогенез (теломорфоз) ва гипергенез аст. Дар мавриди телогенез мутобиқат мунҳасир сурат гирифта, фаъолияти узве, ки дучори таҳаввулот гаштааст, маҳдуд мешавад (мас., даҳони мӯрчахӯрак, ки фақат барои истеъмоли як намуди ғизо мутобиқ гаштааст). Ҳангоми гипергенез, баръакс, ҳолати якбора калон шудани организм ё баръакс аз узвҳои он ба мушоҳида мерасад (мас., шохҳои ниҳоят калони баъзе оҳувони мунқариз, каркаданҳои мунқариз ва ғ.).

АЛЛОМАИ ҲИЛЛӢ Ҷамолуддин Абумансур Ҳасан ибни Садидуддин Юсуф ибни Мутаҳҳар (1250, Ҳилла, Ироқ – 1325, номаълум), фақеҳ, илоҳиётшинос, мантиқшинос, ҳаким ва донишманди Шарқ. Ӯ дар мунозираҳои илмие, ки дар дарбори хони муғулҳо Ҳалоку (1217 – 65) барпо мегардид, фаъолона иштирок мекард ва мавриди иззату икроми хони муғулҳо буд. Дар ҷаҳонбинии А. Ҳ. унсурҳои таълимоти *машшоия* ва *ишроқия* мушоҳида мешавад. Ӯ бо устодаш Насируддини Тусӣ баҳс карда, дар радди ақидаҳои устодаш асаре бо номи «Ал-мубоҳасот-ус-сунния вал-муоразот-ун-насирия» таълиф кардааст. А. Ҳ. дар соҳаҳои дигари илму маърифати замони худ низ асарҳо эҷод кардааст. Мас., дар калом «Кашф-ул-мурод фӣ шарҳи таҷоид-ил-эътиқод», «Ниҳоят-ул-маром фӣ илми калом», дар мантиқ «Ал-қавоид-ул-ҷаллия фӣ шарҳ-ир-рисолат-иш-шамсия», «Ал-ҷавҳар-нл-нозия фӣ шарҳи китоб-ит-таҷрид», дар фалсафа «Эзоҳ-ут-талбис мин калом-ир-раис» (дар ин асар бо Ибни Сино баҳс кардааст), «Кашф-ул-муҳокамот байн-аш-шарроҳ-иш-ишорот» ва осори зиёде оид ба фиқҳ, усули дин, наҳв, балоғат навиштааст. Китобҳои «Кашф-ул-макнун мин китоб-ил-қонун», «Эзоҳ-ул-мақосид мин ҳикмат-ил-айн» ва ғ.-ро шарҳу тафсир намудааст. Хидмати дигари А. Ҳ. дар он зоҳир мешавад, ки маҳз ба воситаи асари ӯ «Анвор-ул-малакут фӣ шарҳ-ил-ёқут» китоби Абуисҳоқ Иброҳим ибни Навбахтӣ – «Ёқут» маҳфуз мондааст. Аз шарҳу тафсири ибораҳои муҷаз, мушкил ва хираи «Ёқут», ки баъзеи онҳо ба луғзу муаммо монанданд, маҳорат ва қудрати бузурги илму тафаккури А. Ҳ. муайян мешавад. Китоб фақат аз шарҳи асрору мушкилоти матни «Ёқут» иборат набуда, зимни он А. Ҳ. бисёр андешаҳои худро низ иброз доштааст. Дар китоб фаҳмиши масъалаҳои гуногуни ҷаҳонбинии аҳли суннат, калом ва ҳукамои машшоъ таҳқиқ шудаанд. *Ф. Сирочов.*

АЛЛОПА́ТИЯ (аз юн. allos – дигар ва pathos – кулфат), истилоҳест, ки аз тарафи духтури немис С. Ганеман барои ифодаи самти муқобил (истеъмоли доруҳое, ки аломати ба зуҳуроти бемории мазкур муқобилро пайдо мекунанд) ба *гомеопатия* пешниҳод карда шудааст. А. барои тибби муосир зарурат надорад, зеро ҳангоми табобат ба раванди маризӣ бо мақсади рафъ сохтани он таъсир мерасонанд, на барои зоҳир намудани он.

АЛЛОТРИОМОРФИ́ЗМ, к с е н о м о р ф и з м (юн. allotrios, xenos – дигар, бегона, morphe – шакл), ҳосил шудани минералҳое, ки шакли ба худ хоси кристаллографӣ надоранд. Нахустин кристаллҳое, ки ҳангоми шах шудани магма (дар ҷараёни ҳосил гардидани ҷинсҳои магмавӣ) аз моддаҳои гудохта пайдо мешаванд, шакли мукаммали кристаллографӣ мегиранд. Кристаллҳои минбаъдае, ки дар байни кристаллҳои мукаммал ҷойгир шуда, инкишоф меёбанд, шакли кристаллографӣ гирифта наметавонанд. Ин гуна кристаллҳоро кристаллҳои аллотриоморфӣ ё ксеноморфӣ меноманд. Истилоҳи зидди А.– *идиоморфизм* мебошад.

АЛЛОТРОПИЯ (аз юн. alios – дигар ва tropos – гардиш, хосият), мавҷуд будани баъзе элементҳои химиявӣ дар ду ё чанд шакли моддаҳои содаи сохту хосияташон гуногун. Мас., фосфор; он моддаи нимшаффофи сафед буда, ҳарор. гудозишаш 42,2°С аст; моддаи заҳрнок, дар торикӣ нур меафканад, худ аз худ аланга мегирад. Фосфор чанд шакли аллотропӣ ҳосил мекунад: Фосфори сафед, дар ҳолати сахт ҳангоми зуд хунук кардани буғи фосфор ҳосил мегардад; берангу шаффоф, дар ҳаво зуд оксид мешавад, заҳри қотил аст. Фосфори сурх, ҳангоми бе иштироки ҳаво дар ҳарор. 250 – 300°С дуру дароз гарм кардани фосфори сафед ба даст меояд; дар ҳаво суст оксид шуда, дар торикӣ рӯшноӣ надорад, дар ҳарор. 260°С дармегирад. Фосфори сиёҳ дар натиҷаи то 200 – 220°С тахти фишори баланд гарм кардани фосфори сафед ҳосил мешавад.

Бисёр элементҳои дигар низ дар ҳолати озод метавонанд чун фосфор вуҷуд дошта бошанд. Мас., карбон дар ҳолати озод дар намуди алмос ва графит маълум аст. Дигар шаклҳои А.-и карбон ангишти чӯб, кокс, дуда, карбин ва поликумулен мебошанд. А. дар натиҷаи аз шумораи гуногуни атомҳо ҳосил шудани молекула (мас., O_2 – оксиген, O_3 – озон) ё шаклҳои гуногуни кристаллӣ (мас., графит ва алмос) ба вуҷуд меояд. Алҳол зиёда аз 400 А.-и элементҳои химиявӣ маълуманд.

АЛЛОХОРИЯ (аз юн. allos – дигар ва choros – ҷой), тағйирёбии мавқеи узв дар раванди инкишофи фардӣ ё таърихии организм.Ниг. низ *Гетеротопия.*

АЛЛОХТО́Н (юн. allos – дигар, chthon – замин), ҷинсҳои кӯҳӣ ва сарватҳои зеризаминие, ки ба туфайли равандҳои геологӣ ҷойгардон шудаанд, яъне аз ҷойи пайдоиши худ ба ҷойи дигар кӯчидаанд. Мас., ангиште, ки дар натиҷаи ҷамъ омадани боқимондаи растаниҳои обоварди пайдо шудааст, ангишти аллохтонӣ ном дорад. Дар тектоника – қисми сохтори чиндорест, ки бо сабаби ҳаракатҳои тектоникӣ кӯчида, рӯи сохтори автохтониро (бечонашударо) пӯшидааст.

АЛЛЮ́ВИЙ, таҳнишастҳои аллювиалӣ (лот. alluvio – обоварда), таҳнишастҳое, ки аз ҷинспораҳои шус таовардаи дарё ва селобҳо, аз ҷумлаи шағал, сангреза, рег, гил пайдо шуда-



Водии дарёе, ки аз аллювий таркиб ёфтааст.

анд (мас., таҳнишастҳои дарёбод ва суфаҳои соҳили дарё). Ба А. қабатҳои уребхобидаи ҷинспораҳо хос буда, онҳо аз тағйир ёфтани миқдор, суръат ва самти ҷараёни об ба вуҷуд меоянд. А.-и дарёҳои ҳамворӣ аз А.-и маҷро ва А.-и ҳавза иборатанд. А.-и дарёҳои кӯҳиро сангҳои калон ва шағал ташкил медиҳанд. Ҷойивазкунии А. дар равандҳои ташаккули маҷрои дарё аҳамияти муҳим дорад. Ҷинспораҳо дар таҳнишастҳои қадимаи А. дар

ҳолати мазбутанд (конгломерат, регсанг, аргиллит ва ғ.). Баъзе конҳои тилло, платина, минералҳои дигар ва инчунин кони реги сохтмон ба А.-и маҷроӣ алоқаманданд.

АЛМААТӮ, шаҳр, ниг. *Олмаато*.

АЛМААТУ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ғаллаободи ноҳ. Хуросон. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Обикиик 13 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 294 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз чашмаи Шодиев Хӯҷамқул обёрӣ мешаванд.

«АЛ-МАДҲА́Л-УС-САНОЪА́Т-ИЛ-МУСИҚӢ» («Муқаддимаи санъати мусиқӣ»), номи дигари он «Китоб-ул-мадхал-ус-саноъат-ил-мусиқӣ» («Китоб доир ба муқаддимаи санъати мусиқӣ»), рисолаи *Форобӣ* оид ба мусиқӣ, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст. Нусхаи комилаш то замони мо нарасидааст. Аз муқаддимаи *«Китоб-ул-мусиқӣ-ал-кабир»* ва дигар навиштаҳои Форобӣ бармеояд, ки ин асар дар ибтидо ба шакли рисолаи ҷудогонае буд, сипас ба китоби номбурда илова шуда, қисми аввали онро ташкил додааст ва он хонандаро пеш аз ҳама бо таркиботи назарияи мусиқӣ шинос мекардааст. «А.» асосан доир ба масъалаҳои муҳимми назарияи мусиқӣ баҳс намуда, қавоиду қавонини асосҳои омезиши овозӣ (савтҳо) ва таърифи мусиқӣ чун илму санъат, ҷанбаҳои бадеию эстетикии он чун қисме аз илмҳои фалсафаю риёзиёт ва таносуби бўъдию иқоӣ, инчунин тавъамии он бо каломи бадеъ ва ғ-ро дар бар гирифтааст. «А.» роҳнамоест барои таҳқиқи таркиботи созию овозии дигар асарҳои назарии мусиқии Форобӣ.

Ад.: Рачабов А., Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Д., 2000; ҳамон муалл., Суннат ва навоварӣ дар тамаддуни мусиқии замони Рӯдакӣ, Д., 2008. *А. Рачабов.*

АЛМАНА́Х (ар. – тақвими адабӣ), маҷмӯаи осори адабӣ, ки мутобиқи ягон хусусияташон (мавзӯъ, навъ, ғояву бадеиёт, дахлашон ба соҳаи муайян ва ғ.) мураттаб мегардиданд. Ин навъ маҷмӯаҳо, одатан, ғайримунтазам нашр мешуданд. Бо мурури замон, дар тӯли асрҳо А. аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ, мазмуну мундариҷа ва баъзан аз ҷиҳати номгузорӣ ба тағйирот мувоҷеҳ гардидааст. Дар А.-ҳои арабӣ, ки дар асрҳои миёна мураттаб мегардиданд, оид ба ҳодисаҳои табиат, рӯйдодҳо дар ҷамъият бар асоси илми нучум (ба фаҳмиши ҳамон давра) сухан мерафт. Ҳамин тарзи сохтани А.-ро дар Европа аз арабҳо қабул карданд ва дар а. 16 ҳар сол як А. доир ба ҳодисаҳои табиат, рӯйдодҳову воқеаҳои ҷамъият бо пешгӯиҳо (фолбинӣ) ба табъ мерасиданд. Дар баробари ин навъи А.-ҳое ҳам роиҷ буданд, ки дар онҳо осори ягон адиби ҷудогона ва ё асарҳои чанде аз адибон фароҳам оварда мешуданд. Дар Франсия, ки А.-созӣ, махсусан дар а. 18 ривоҷ ёфт, А.-ҳо доир ба санъати мусиқӣ, театр, барои занон, бачагон, дипломатҳо, навъҳои ғизо, оморӣ ва ғ. ба таври ҷудогона таҳия карда мешуданд, Дар Россия дар а. 19 ва баъдан дар Иттиҳоди Шӯравӣ маҷмӯаҳои ба А. монанд бисёр ба табъ мерасиданд. Солҳои 30 а. 20 бо ташаббуси А. М. Горкий А.-созӣ (маҷмӯаҳои осори адибон) ривоҷ ёфт. Дар с-ҳои 40 ба ҷойи вожаи А. бештар калимаи «маҷмӯа» роиҷ гардид. Умуман дар тӯли давраҳое, ки дар кишварҳои гуногун А. мураттаб мегардад, он матбуоти даврӣ ва ё маҷаллаҳои калонро, ки имконияти нашрияшон вуҷуд надошт, иваз мекард. Дар адабиёти а. 20 тоҷик нахустин А. маҷм. «Тӯҳфа» (1934) мебошад, ки намунаҳои насру назми с-ҳои 30-ро дар бар мегирад. Маҷ. «Памир», ки нашраш аз с. 1949 оғоз ёфтааст, бо номҳои «Литературный Сталинабад», «Литературный Таджикистан» ба шакли А. ба табъ мерасид. Аз с. 1959 ин А. ба маҷ. «Гулистон» табдил ёфт ва то с. 1962 дар се моҳ як маротиба нашр мешуд. *М. Диловаров.*

АЛМАНДИ́Н, антракс, ёқути оҳанию алюминӣ, веникси асил, ёқути асил, карбункул; истилоҳи таҳрифшуда аз алабандина. Минералест нимшаффоф, рангаш сурхчатоб, ҷилояш шишагун ба мисли ёқут. Ба шарафи шаҳр дар Кария (Фасмер) Аллабанда, ки асосан он ҷо ёфт мешуд, номида шудааст. Конҳои А. дар Австрия, Бразилия, Ҳиндустон, Шри-Ланка, Россия, Қазоқистон, Шветсия мавҷуд аст.

«АЛ-МАСОЛИ́К ВА-Л-МАМОЛИ́К», «Китоб-ул-масолик вал-мамолик», асари адиб, ҷуғрофидон ва сайёҳи араби эронинажод Ибни Хурдодбеҳ, ки с-ҳои 846 – 847 ба сабки сафарнома навишта шудааст; таҳрири дуюм ва такмилаш с-ҳои 885 – 886. Дар «А.» оид ба ҷуғрофия ва таърихи кишварҳои Шарқ маълумоти бисёре фароҳам оварда шудааст. Нигоранда инчунин дар бораи ёдгориҳои машҳури меъморӣ (аҳром, қалъаҳо, қасрҳо ва ғ.), ш-ҳои бузурги Осиёи Марказӣ – Самарқанду Бухоро маълумоти арзишманд додааст. «А.» сарчашмаи муҳимми адабӣ низ ба шумор меравад. Дар ин китоб қадимтарин намунаи шеъри ба вазни ҳиҷоӣ ба забони форсии дарӣ дар васфи Самарқанд гуфташуда аз шоир Абулянбағӣ ба ҳамон лаҳҷаи дар он давр (а. 9) роиҷ оварда шудааст:

Самарқанди кандманд,
Ба-д-инат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хуҳӣ.
(Самарқанди ободон,
Кӣ туро ба ин ҳол афканд?
Аз Чоч ту беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ).

Шеъри овардаи Ибни Хурдодбеҳ далелест оид ба қадимӣ будани шеъру адаби форсии тоҷикӣ. «А.» барои омӯзиши таърихи илму адаб ва фарҳанги халқҳову қабилаҳои қадими Эрон ва Осиёи Марказӣ сарчашмаи муҳим ба шумор меравад.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958; Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М. – Л., 1957.

«АЛМАҶАСТӢ» (лот. Almagest), асари классикии Батлимуси Қалузӣ (Клавдий Птоломей), ки тақр. с. 140 навишта шудааст ва донишҳои пурраи астрономии Юнони Қадим ва Шарқи Наздики онвақтаро дар бар мегирад. Номи пурраш «Сохтмони математикии бузург доир ба астрономия», аз 13 китоб иборат аст. «А.» китоб доир ба астрономияи назариявӣ буда, барои хонандагоне навишта шудааст, ки бо геометрияи Уқлидус шиносанд. Масъалаи асосии назариявие, ки дар «А.» баррасӣ мешавад, ҳисоби мавқеи зоҳирии Офтобу Моҳ ва сайёраву ситорагони осмон дар вақти дилхоҳ то саҳеҳии мушоҳидаҳо бо чашми одӣ аст. Дигар гурӯҳи масъалаҳои асосӣ – ҳисоби сана ва дигар бузургиҳои ҳодисаҳои махсуси астрономие мебошанд, ки ба ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ мансубанд: хусуф ва кусуф, тулӯъ ва ғуруби сайёраву ситораҳо, муайянкунии параллакс ва масофа то Офтобу Моҳ ва ғ. Птоломей ба ҷуз мушоҳида ва тадқиқоташ муваффақиятҳои астрономияи замонашро ҷамъбаст намуда, дар «А.» гирд овардааст. Аз ин рӯ, «А.» дар Юнони Қадим чун қомуси астрономӣ шӯҳрат дошт. Муаллиф дар фасли астрономии «А.» назарияи ҳаракати зоҳирии Офтоб, назарияи ҳаракати Моҳ, координатаҳои эклиптикии ситораҳо, назарияи ҳаракати зоҳирии сайёрагонро аз рӯи арзу тӯл баён намуда, феҳристи бештар аз 1000 ситораро овардааст. Дар «А.» бори аввал

системаи геомарказии олам баён ёфта буд, ки мувофиқи он Замин дар маркази олам беҳаракат меистод. Системаи геомарказии Птоломей якчанд аср ҳукмрон буд ва танҳо дар а. 15 модели гелиомарказии Коперник онро иваз кард. Тартиби навишти «А.» сохтори муайянеро дорост. Дар китоби I масъалаҳои умумӣ оид ба сохтори олам ва амсилаи (модели) математикии он баррасӣ мешаванд. Китоби II пурра ба астрономияи сферавӣ бахшида шудааст. Китоби III оид ба назарияи ҳаракати Офтоб буда, дар он давомнокии соли хуршедӣ, муайян намудани бузургиҳои он, сохтани *зиҷҳо* (ҷадвалҳо) барои ҳисоби тӯли Офтоб оварда шудаанд. Китобҳои IV – V ба назарияи ҳаракати Моҳ бахшида шудаанд. Китоби VI пурра ба назарияи хусуфу кусуф оид аст. Дар китобҳои VII ва VIII зиҷҳо ва бис ёр масъалаҳои «ситораҳои собит» баррасӣ шудаанд. Дар китобҳои IX – XIII назарияи ҳаракати сайёраҳо аз рӯи арзу тӯл ифода ёфтаанд.

Дар Эрони Қадим «А.» дар давраи ҳукмр. Шопури I (241 – 171), тақр. с. 250 ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда буд. Дар аввали а. 6 «А.»-ро физик ва файласуф Сергийи Решайнӣ (ваф. 536) ба забони румӣ (суриягӣ) тарҷума мекунад. Дар а. 9 «А.» ба забони арабӣ тарҷума шуда дар давлатҳои исломӣ паҳн мешавад. Тарҷумонҳо на танҳо нусхаи юнонӣ, инчунин тарҷумаҳои паҳлавӣ ва румии «А.»-ро истифода кардаанд. Дар таърихи илм 23 тарҷумаи арабии «А.» мавҷуд аст. Дар мамолики исломии а-ҳои 9 – 12 панҷ шакли он маъмул буд: тарҷумаи румӣ (боқӣ намондааст); тарҷумаи Ҳасан ибни Қурайш дар авв. а. 9 барои ал-Маъмун (боқӣ намондааст); тарҷумаи ал-Ҳаҷоҷ ибни Юсуф ибни Матар ва Сарҷун ибни Хилия ар-Румӣ дар с. 827 – 828; тарҷумаи тарҷумони машҳури асарҳои илмии юнонӣ Исҳоқ ибни Ҳунайн ал-Ибодӣ (830 – 910) дар с. 879 – 890, ки онро математик ва астрономи машҳур Собит ибни Қурро ал-Ҳарронӣ (836 – 901) пурра намудааст ва то даврони мо омада расидааст. Дар а. 11 Абурайҳони Берунӣ «А.»-ро аз арабӣ ба санскрит тарҷума намудааст.

Астрономияи Батлимус дар Европа дар ибтидо аз рӯи тарҷумаи лотинии зиҷҳои ал-Фарғонӣ ва ал-Баттонӣ машҳур гашт. «А.» дар ҳаҷми пурраш дар Европа фақат дар нимаи дуюми а. 12 пайдо шуд. Соли 1175 тарҷумон Герардо Кремонский (Испания) аз тарҷумаҳои арабии Ҳаҷоҷ, Исҳоқ ибни Ҳунайн ва Собит ибни Қурро истифода намуда, «А.»-ро ба лотинӣ тарҷума намуд. Ин тарҷумаи «А.» ниҳоят машҳур гашта, с. 1515 бо тарзи типографӣ дар Венетсия нашр шуд. Дертар (тақр. 1175 – 1250) шакли мухтасари «А.» чоп мешавад. Ба забони русӣ китоби аввали «А.» дар с. 80 а. 17 тарҷума шудааст. *М. Холов.*

«АЛ-МИ́ЛАЛ ВА-Н-НИ́ҲАЛ» (ар. – миллатҳо ва ҷараёнҳо), рисолаи Муҳаммади Шаҳристонӣ дар бораи мазҳабҳои динӣ ва ҷараёнҳои фалсафӣ. Соли 1121 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Он ҳамчун сарчашмаи мӯътабари илмию таърихӣ барои омӯзиши афкори динию фалсафӣ аҳамияти калон дорад. Бино ба навиштаи В. В. *Бартолд* «аз асарҳои доир ба таърихи таълимоти динию фалсафӣ навишташуда машҳуртаринаш асари Муҳаммади Шаҳристонӣ мебошад. Ӯ тавонистааст маълумоти бисёру эътимоднок ҷамъ намуда, онҳоро холисона баён кунад» (Соч., т. VI, М., 1966, с. 263). Шаҳристонӣ одамонро ба диндорон (оташпарастон, яҳудиён, масеҳиён ва мусулмонон) ва озодфикрон (файласуфон, даҳриён, собеиён, бараҳманиён) ҷудо намудааст. Асар аз панҷ муқаддима ва ду ҷилд иборат мебошад. Мавзӯи баҳси ҷилди аввал асосан таълимоти ислом ва фирқаву равияҳои он (мӯътазила, шиъа, исмоилия, ҷабария, ашъария, каромия, хориҷия, мурҷиия ва ғ.) буда, шарҳи дини яҳудӣ, масеҳият, маҷусият, монавия, зардуштия, маздакия ва амсоли инҳоро низ дар бар мегирад. Муаллиф мисли дигар муҳаққиқони таърихи ҷараёнҳои фалсафию динӣ ба ҳадиси Муҳаммад такъя карда, шумораи ҷараёнҳоро бо шумораи дар ҳадис зикршуда маҳдуд менамояд. Ба ақидаи ӯ, оташпарастон ба 70, яҳудиён ба 71, масеҳиён ба 72 ва мусулмонон ба 73 фирқа ҷудо мешаванд. Муаллиф дар ин ҷилд оид ба масъалаҳои беморӣ, вафот, мадфани пайғамбар, имомати баъди ӯ, закот, шӯро, муборизаҳои Зубайру Оиша ба муқобили Алӣ ибни Абитолиб ва имомати баъди Алӣ ақидаҳо баён кардааст.

Ҷилди дуюми «А.» мавзӯи мунозираи собеиёнро бо ҳанафиён ва тавсифи таълимоти мутафаккирони юнонӣ – Фалес, Анаксимен, Анаксагор, Эмпедокл, Пифагор, Суқрот, Афлотун, Плутарх, Ксенофан, Зенон, Демокрит, Гераклит, Эпикур, Гиппократ (Буқрот), Птолемей (Батлимус), Арас ту, Диоген, Плотин, Порфирий ва дигаронро дар бар мегирад. Шаҳристонӣ баъди баёни ҷараёнҳои динию фалсафӣ ба таҳлили ҷаҳонбинии пайравони алоҳидаи он мегузарад. Муаллиф анъанаи пешгузаштагони худ ва махсусан файласуфони юнониро идома дода, фалсафаро ба назарияву амалӣ ҷудо мекунад. Ӯ ақидаҳои Арастуро умуман намунаи афкори фалсафӣ ҳисобида, нуктаҳои ҷавҳарии фалсафаи ӯро ба таври возеҳ нишон додааст. Фалсафа, ба ақидаи мутафаккирони қадим, ба хушбахт шудани инсон кӯмак мерасонад. Барои хушбахт шудан шахс бояд ё меҳнат кунад, ё ки илм (фалсафа) омӯзад. Шаҳристонӣ баъди таҳлили сарчашмаҳо ба хулоса омадааст, ки фалсафа дар Юнон оғоз ёфта, минбаъд дар дигар ҷойҳо паҳн шудааст. Дигар халқҳо бошанд, дар пайравии онҳо ақидаҳои худро баён кардаанд. Ӯ бар хилофи дигар муаррихони фалсафа материализми фалсафаи Юнонро бо тафсилоти зиёд шарҳу эзоҳ додааст. Симои маънавии файласуфони юнонӣ дар шарҳу баёни Шаҳристонӣ ба ҳақиқати воқеии таърихӣ нисбатан наздиктар буда, ба тадқиқоти ҳозираи афкори фалсафии ҳакимони юнонӣ бештар ҳамоҳанг мебошад.

Дар боби «Мусулмонон» мафҳумҳои асосии дини исломро (аз қабили дин, шариат, тариқат, ҳанафия, сунна, ҷамоат) шарҳу тафсир карда, равия ва ҷараёнҳои динию фалсафиро таҳлил намудааст. «Мутааххирини фалсафаи ислом» дар боби махсус баррасӣ шуда, муаллиф умуман таърихи фалсафаи ислом ва хусусан фалсафаи Ибни Синоро мавриди тадқиқ қарор додааст. Ба қавли ӯ Ибни Сино сарвари файласуфони мусулмон ва алломаи қавм аст. Ин маълумотро муҳаққиқи марксисти немис Герман Лей омӯхта, ба чунин хулоса омадааст: «Шаҳристонӣ аз аввалин касонест, ки Ибни Синоро ҳамчун файласуфи материалист ба қалам дода, қайд намудааст, ки ӯ бо навафлотуния ҳеҷ умумияте надорад. Шаҳристонӣ ақидаҳои фалсафии Синоро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки мақолаҳои мантиқӣ инъикоси олами беруна мебошанд. Ашё объективона вуҷуд дошта, дар майнаи инсон инъикос меёбанд. Чизе, ки дар майна вуҷуд дорад, ба як чизи моддии берун аз шуур вуҷуддошта монанд мебошад. Воқеияте, ки дар ақл ҷой дорад, ҳосил ва ё дуюмин ҳисобида мешавад. Ин баёни Шаҳристонӣ ба мавқеи Ибни Сино пурра мувофиқат менамояд».

Бар хилофи дигар муаллифони асрҳои миёна Шаҳристонӣ на таърихи файласуфон, балки таърихи фалсафаи Юнонро навиштааст. «А.» умуман барои омӯхтани таърихи фалсафаи Юнон, Ҳинд, халқҳои Шарқи Миёна ва Наздик аҳамияти бузурги илмиву таърихӣ дорад. «А.»-ро ҳамчун асари таърихию фалсафӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки мавзӯи марказии он таърихи ҷараёнҳои машҳури динию фалсафии давраи то Шаҳристонӣ мебошад. Асарҳои баъдинае, ки ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд, аз қабили «Табсират-ул-авом»-и Саид Муртазо (авв. а. 13), «Баъзу фазоиҳ-урравофиз»-и Шаҳобуддини Таворихӣ (а. 12), «Китоб-ул-канз»-и Насируддин Абдуррашиди Абдуҷалил ва ғ. аз ҷиҳати мавзӯъ маҳдуд ва яктарафа буданд (аксари онҳо бо таънаву маломати ҷараёнҳо анҷом меёфт). Муаллифи «А.» аз чунин рафтор худдорӣ намудааст. «А.» андешаҳои муаллифро роҷеъ ба чанд тан файласуфони Шарқи Миёна ва Наздик, аз қабили Киндӣ, Исҳоқ, Наҳвӣ, Муфассир, Сиҷзӣ, Мақдисӣ, Исфизорӣ, Ибни Мискавейҳ, Форобӣ ва дигарон дар бар мегирад. Ин асарро Хоҷа Фазлуддини Садри Турк бо номи «Танқеҳ ул-одила ва-л-илал фӣ тарҷимат китоб-ил-милал ва-н-ниҳал» ва Мустафо Холиқдод Ҳошимӣ дар Ҳиндустон бо унвони «Тавзеҳ-ул-милал» ба забони форсӣ, Нӯҳ ибни Мустафои Ҳанафӣ ба забони туркӣ, Хаарбукер ба забони немисӣ (1850 – 51), Вилям Картен Брой (1846) ба забони англисӣ, С. П. Прозоров (1984) ба забони русӣ тарҷума ва нашр намудаанд.

Ад.: Аш-Шахрастани, Книга о религиях и сектах, М., 1986; Беков К., Мухаммад Шахристони – историк философии, Д., 1987.

К. Бекзода.

АЛМО́С (араб. – мустаҳкам), минерал, ҳолати кристаллии карбони холис (С). Санги гаронбаҳои дараҷаи 1. Дар системаи кубӣ кристалл мебандад. Аксар беранг, баъзан осмонранг (азракӣ), кабуд, сабз, зард, бӯр ва сиёҳ, шаффоф, нимшаффоф ва ношаффоф мешавад. Сахтиаш – 10 (минерали сахттарини табиат) буда, аз сахтии кварс 1000 маротиба, корунд 150 маротиба зиёд аст. А. дорои нишондиҳандаи бузурги шикаст (2,42) ва дисперсияи калон (0,044) мебошад, ки ҷилои хубу рангорангии онро таъмин мекунанд; зичиаш 3470 – 3560 кг/м^3. А. *диэлектрик* мебошад. Ҳарор. гудозиши А. 3700 – 4000 °С буда, дар ҳаво дар ҳарор. 850 – 1000 °С ва дар оксигени тоза дар ҳарор. 720 – 800 °С месӯзад ва пурра ба гази карбон мубаддал мегардад. Ҳангоми то ҳарор. 2000 °С бе ҳаво тафсонидан ба *графит* табдил меёбад. А. дар таркиби ҷинсҳои фишондаи ултраасос – кимберлит ва перидотитҳо вомехӯрад; он аз таъсири ҳарорату фишори баланд ба вуҷуд меояд. А.-ро ҳам аз конҳои аслӣ ва ҳам аз конҳои пошхӯрда пайдо мекунанд. А.-и табиӣ аз зарраҳои микроскопӣ то кристаллҳои дорои массаи садҳо ва ҳазорҳо *қирот* (1 қирот – 0,2 г) шуда метавонад. Вале кристаллҳои зиёда аз 50 қирот (10 г) нодиранд; одатан, ба ин хел А.-ҳо ном мегузоранд (мас., «Куллинан» – 3006, «Экселсиор» – 971,5, «Ситораи Сйера-Леоне» – 968,9, «Ҷонкар» – 726, «Орлов» – 189,62, «Шоҳ» – 88,7 қирот). Яке аз А.-ҳои машҳур "Кӯҳи нур" (105 қирот) аст, ки дар тоҷи малика Елизавета (Британияи Кабир) насб карда шудааст. Конҳои А. дар Австралия, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ, Россия, Бразилия, Венесуэла, Гвиана маълуманд. Бинобар нишондиҳандаи калони шикаст ва ҷилои гуногун доштан, ниҳоят шаффоф будан онро санги гаронбаҳо мешуморанд. Навъҳои беранги А.-ро баъди қирра баровардан *бриллиант* меноманд ва дар заргарӣ ба кор мебаранд. Almосреза ва намудҳои хираи он (борт, карбонадо) дар саноати коркарди металл, пармакории ҷинсҳои сахти кӯҳӣ, ҳаккокӣ, шишабуррӣ ва ғ. истифода мешаванд. А.-и сунъиро бори аввал с. 1953 дар Шветсия, сипас дар ШМА, СССР, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ, Ирландия, Япония ҳосил кардаанд. Ҳар сол дар дунё қариб 40 т А.-ҳои майдакристаллиро ҳосил мекунанд. А.-и сунъиро аз графит ва дигар моддаҳои карбондор дар дастгоҳҳои махсус дар ҳарор. 1200 – 1600°С ва фишори 4,5 – 8,0 ГПа бо ҳамроҳ кардани Fe, Ni, Co, Cr, Mn ё хӯлаҳои онҳо ҳосил карда, чун масолеҳи абразивӣ ба кор мебаранд. Ҳар сол дар дунё 120 млн қирот А. истихроҷ мешавад.

АЛМОСӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Алмосии ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия 16 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 845 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази саломатӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз д. Хонақоҳ обёрӣ мешаванд.

АЛМОСӢ, навъеазпӯстиқарокӯлӣ. Бори аввал с. 1961 ҳангоми санҷишу таҳқиқи гӯсфандони қарокӯлии сурии навъи заводӣ дарёфт шудааст. Пӯсти ҷилодор ва абрешиммонанди хеле зебост.

АЛМУВАҲҲИДӮ́Н, сулола ва давлати феодалӣ (1121/ 1122 – 1269). Дар натиҷаи рақобати динию амалиёти сиёсии қабилаҳои барбари Африкаи Шимолӣ ба муқобили *Алмуробитун* ба вуҷуд омадааст. Асосгузор ва пешвои ҳаракат Ибни Тумарт, худои ягонаро мепарастид. Тақр. с-ҳои 1221 – 22 А. бар зидди Алмуробитун қиём карданд. Ибни Тумарт худро маҳдӣ эълон намуд. Баъди марги Ибни Тумарт (1128) ҳамкори наздиктарини вай Абдулмӯъмин халифаи А. шуд. Таҳти роҳбарии ӯ А. с. 1146 Марокашро забт намуда, Алмуробитунро торумор кард ва дар тамоми Африкаи Шимолӣ ва Испанияи Ҷанубӣ давлати бузурги худро ташкил дод. Дар а. 13 ҳокимияти А. таназзул ёфт. Соли 1269 амирони сулолаи Мариниюн пурқувват гардида, Марокашро ишғол намуданд ва сулолаи А.-ро барҳам доданд.

АЛМУҚАНТАРО́Т (ар. ҷамъи қантара, ин ҷо ба маънои камон), доираи хурди *сфераи осмонӣ*, ки онро ситора дар давоми ҳаракати шабонарӯзӣ мекашад ва ба ҳамвории уфуқ мувозӣ аст.

АЛМУРОБИТӮ́Н, сулола ва давлати феодалӣ (миёнаи а. 11 – 1146). Дар натиҷаи ҳаракати қабилаҳои барбар таҳти роҳбарии Абдуллоҳ ибни Ёсин дар Африкаи Шимолӣ ба вуҷуд омад. Маркази ҳаракат работи Абдуллоҳ ибни Ёсин, воқеъ дар ҳудуди ҳозираи Мавритания буд. Пайравони онҳо аслан ҳарҷоя буда, дар муборизаи зидди «душманони мазҳаб» ҳунари ҳарбӣ меомӯхтанд. А. «кофирон» ва «ҳокимони саркаш»-ро торумор ва «андозҳои ғайриқонунӣ»-ро бекор намуданд, ки ин таваҷҷӯҳ ва хайрхоҳии оммаи халқро ба вуҷуд оварда, боиси муваффақият пайдо кардани ҳаракат гардид. А. дар миёнаи а. 11 Марокаши ҷанубиро забт кард. Амирони қабилаи Лемтун (номи пешинаи А.) Яҳё ибни Умар (ваф. 1056) ва додараш *Абубакр* (1059 – 88) сарфармондеҳони ҳарбӣ буданд. Соли 1061 Юсуф ибни Ташфин амакаш Абубакр ибни Умарро аз роҳбарии ҳаракат дур карда, унвони «амирулмуслимин»-ро гирифт ва баъди марги Абубакр саркори динӣ ва дунявии А. гардид. Соли 1090 мусулмонони Испанияро тобеъ кард. Андозҳои беҳисоб, бедодгариҳои ҳарбиёну ҳукуматдорон ва низоъҳои мазҳабӣ дар давраи ворисони ибни Ташфин норизоии халқро ба вуҷуд

овард. Дар натиҷа давлати А. инқироз кард ва аз тарафи *Алмуваҳҳидун* барҳам дода шуд. *У. Тоиров.*

«АЛ-МУҚАДДИМА́», асари *Ибни Халдун* роҷеъ ба фалсафаи таърих, ҷамъиятшиносӣ ва асосҳои илми иқтисодӣ. Муаллиф зимни баёни масъалаҳои зикршуда боз аз таърихи қариб ҳамаи илмҳои замонаш маълумоти фаровон овардааст ва аз ин рӯ, онро «асари энсиклопедӣ» низ номидаанд. Аслан ин фақат як қисмат («Дебоча», «Муқаддима» ва китоби нахустин)-и *«Китоб-ул-Ибар»*-и Ибни Халдун аст, ки ба унвони «А.» маъруфу машҳур гаштааст. Ҳадафи асосии муаллиф дар ин асар иншои дастурамали муқаддимавие барои омӯзиши таърихи воқеӣ будааст. Муаллиф зикр мекунад, ки барои дуруст фаҳмидани ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ маълумоти саҳеҳ лозим аст. Бо ҳамин мақсад Ибни Халдун ба асарҳои муаррихони гузашта аз назари интиқодӣ нигарис та, аксари онҳоро орӣ аз чунин муносибат ба ҳодисаҳои таърихӣ дарёфтаааст.

Дар пешгуфтори «А.» Ибни Халдун дараҷаи фарогирии масъалаҳои илми таърихро зикр карда, ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ диққати махсус додааст ва мавзӯю мундариҷаи илми мазкурро баён намуда, қоидаву қонунҳои таҳлилӣ-танқидиро муайян кардааст. Асоси чунин муносибати интиқодӣ, ба фикри муаллиф, на фақат таҳлили воқеаю санадҳо, балки пеш аз ҳама санҷиши мутобиқати ҳодисаҳои таърихӣ ва воқеият мебошад. Ибни Халдун таърихро ба 4 давра тақсим намудааст. Дар ҳар давра гурӯҳе аз қавму миллатҳо сарварӣ доштаанд ва ҳар давра дорои сохти хоси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, санъат, забон, анъанаву одат ва ғ. будааст. Мас., давраи сеюм, ба фикри муаллиф, дар а. 7 бо пайдоиши ислом шурӯъ шудааст, ки дар он арабҳо афзалият доштанд; дар а. 11 хилофати араб дар Шарқ аз ҷониби туркҳо, дар Ғарб аз ҷониби барбарҳо ва дар Шим. аз ҷониби масеҳиён таҳти фишору таҳдид қарор гирифта буд, дар ибт. а. 14 давраи сеюм анҷом ёфта, давраи чорум оғоз мешавад. Ин давра ҳам тамаддуни ба худ хосе хоҳад дошт. Азбаски ин давраи нав ва тамаддуни он ҳоло шаклҳои равшани худро нагирифта буд, Ибни Халдун барои муайян кардани он ба омӯхтани иллати пайдоиш, нузул ва суқути давра ва тамаддунҳои қаблӣ пардохтааст.

Саҳми асосии Ибни Халдун дар таърихи афкори иҷтимоӣ кашфи «илми нав»–умрон мебошад. Дар боби аввали «А.» – «Дар иҷтимои башарӣ ба таври куллӣ» муаллиф 6 рукни асосии ин илмро баён мекунад: 1) зарурати муттаҳид шудани одамон ё иҷтимои онҳо; 2) нобаробар ҷой гирифтани тамаддунҳо дар рӯи замин; 3) асосҳои табиӣ ва ҷуғрофии тамаддун; ноҳияҳои мӯътадил ва ғайри он ва таъсири иқлим ба инсон; 4) таъсири иқлим ба ахлоқу рафтори инсон; 5) таъсири норасоӣ ва ё фузунии ғизо ба инсон ва рафтори ӯ; 6) гурӯҳи одамоне, ки бо хислатҳои табиӣ ва ё саъю кӯшиш маълумоти ғайбӣ ҳосил мекунанд (пешгӯӣ, таъбири хоб, сеҳр ва ғ.). Илми нав 5 масъалаи асосӣ (иҷтимои ибтидоӣ ва гузариши он ба ҷамоати мутамаддин, давлат, шаҳр, ҳунарҳо, донишҳо)-ро дар бар мегирад, ки дар бобҳои 2–6-и «А.» баррасӣ шудаанд. Дар «А.» муаллиф асосан усули мушоҳидаро ба кор бурдааст, ки як навъ эмпиризмро ба ёд меорад. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла У. Лакасте ва Н. Насар, аз мавҷудияти диалектика дар «А.» низ суҳан рондаанд. Ба фик ри онҳо, Ибни Халдун бидуни огоҳӣ аз равандҳои диалектикӣ наметавонис тааст пайдоишу суқути тамаддунҳо, мубориза ва ихтилофот, сустшавӣ ва таназзули давлатҳоро шарҳу таъбир намояд. Ҳарчанд ғояҳои «А.»-ро материалистӣ маънидод намудан бисёр мушкил аст, вале муҳаққиқон дар он мувофиқат ва монандиҳои бис ёр аҷиберо ба ақидаҳои классикони марксизм қайд намудаанд (мас., Ибни Халдун мегӯяд, ки фарқияти наслҳо дар рафтор фақат ифодаи фарқиятҳои ҳаёти иқтисодии онҳо мебошад; марксизм тарзи истеҳсолоти моддиро асоси тамоми равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва зеҳнӣ меҳисобад).

Ад.: Бадиева С. М., Историко-социологический трактат Ибн Халдуна, «Ал-муқаддима», М., 1965; Иванов Н. А., «Китоб аль-Ибар» ибн Халдуна как источник по истории стран Северной Африки в 14 в., в кн. Арабский сборник, М., 1965; *С. Қаландаров.*

«АЛ-МУҚОБАСО́Т», асари фалсафии *Абуҳайёни Тавҳидӣ.* Муаллиф онро дар охирҳои ҳаёташ ба забони арабӣ таълиф кардааст. Тавҳидӣ дар тӯли 30 сол ҳамчун муаррихи фалсафа мавод гирд оварда, онҳоро дар «А.» ҷой додааст. Дар он асосан фикру андеша ва мунозираҳои фалсафиву мантиқӣ, тиббиву ахлоқии мутафаккирону донишмандони замонаш баррасӣ шудаанд. «А.» 106 муқобаса (мақола)-ро дар бар гирифтааст. Ҳар як муқобаса ба як масъалаи ҷудогонаи фалсафӣ ё мантиқ, тиб ё ахлоқ бахшида шудааст. Услуби иншои китоб низ ҷолиб аст. Тавҳидӣ ҳангоми таълифи асар кӯшидааст, ки фикру ақидаҳои мусоҳибонро айнан, бе таҳрифу ихтисор оварад. «А.»-ро Мирзо Муҳаммади Шерозӣ ду бор (1886 ва 1887), Ҳасани Сандубӣ дар Миср (1929), Муҳаммад Тавфиқ Ҳусайн бо тавзеҳот дар Бағдод (1970) нашр намудаанд. Соли 1984 Иброҳими Килонӣ бо номи «Аз китоби Муқобасот» мунтахабе нашр кард. Се дастнависи «А.» (дар Лейден, Урушалим ва Димишқ) маҳфузанд.

И. Саидов.

«АЛ-МЎЪҶАМ», номи пурраш «Ал-мўъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам», асари *Шамс Қайси Розӣ* дар бораи илмҳои арӯз, қофия ва нақди шеъри форсӣ-тоҷикӣ, ки с-ҳои 1218 – 33 таълиф шудааст. «А.» аз дебоча, ду қисм ва хотима иборат буда, яке аз қадимтарин ва муҳимтарин асари адабиётшиносии форс-тоҷик аст. Дар бораи назарияи илми арӯз ва шеъру шоирӣ манбаи асосӣ ва бебаҳост. Маҳз ба воситаи ҳамин асар намунаи ашъору номи таълифоти осори донишмандон: Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қоинӣ, Имом Ҳасани Қаттон ва дигарон то замони мо омада расидааст. Муаллиф аввалин маротиба дар ҳамин асар илова ба 19 баҳри машҳури арӯзи арабу Аҷам боз номи 21 баҳри нав эҷодкардаи арӯзиёни Аҷамро дар доираҳои Мунъакиса, Мунъалиқа, Мунғалата оварда, монандию тафовути онҳоро аз баҳрҳои дигар бо мисолҳо нишон додааст. Шамс Қайси Розӣ дар таълифи «А.» аз «*Тарҷумон-ул-балога*»-и Родуёнӣ ва «*Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър*»-и Рашиди Ватвот истифода бурдааст. «А.» ҳамчун сарчашмаи илмӣ мавриди тадқиқ ва истифодаи донишмандони баъдина қарор гирифт. Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ба Аш-Шариф «А.»-ро мухтасар намуда, онро «Мизон-ул-авзон ва лисонулқалам дар шарҳи алфози Аҷам» номид. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар таълифи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва «Рисолаи қофия», Нуруддин ибни Аҳмад ибни Абдулҷалили Зиёратгоҳӣ дар таълифи «Рисолаи қофия», Шамси Фахрии Исфаҳонӣ дар таълифи «Меъёри Ҷамолӣ», Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷамолуддин дар таълифи «Меъроҷ-ул-арӯз», Ҷамолуддин Ҳусайни Инҷу дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад ибни Саъд дар таълифи «Табсират-уш-шуаро», Муҳаммади

Наҷмалихон дар таълифи «Наҳҷ-ул-адаб», олими эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ дар таълифи асараш «Вазни шеъри форсӣ», шарқшиноси машҳури шуравӣ Э. Бертелс дар таълифи «Грамматика персидского языка» («Граматикаи забони форсӣ», 1926), Баҳром Сирус дар навиштани асарҳои «Қофия дар назми тоҷик» (1955) ва «Арӯзи тоҷикӣ» (1963) аз «А.» истифода бурдаанд. «А.» бори аввал бо эҳтимоми шарқшиноси англис Э. Браун ва тасҳеҳи адабиётшиноси маъруфи эронӣ Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ с. 1909 ва боз ду бори дигар бо тасҳеҳи донишманди эронӣ Мударриси Разавӣ с. 1960 ба табъ расидааст. «А.» бо номҳои «Ҳадоиқ-ул-мӯъҷам», «Ал-қофӣ фӣ-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» низ машҳур аст.

Нашр: Ал-Мӯъҷам, Д., 1991.

Ад.: Тоиров У., Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам, ҷ. 1, Д., 1994. *У. Тоиров.*

АЛО́, кӯл дар қисми тоҷикистонии қ-кӯҳи Зарафшон, дар саргаҳи д. Зиндон (шохоби д. Киштӯд, ҳавзаи д. Зарафшон). Дар нишебии ғарбии кӯҳи Чимтарға, дар баландии 3140 м воқеъ гаштааст. Масоҳ. 0,32 км^2. А. с. 1918 дар натиҷаи кандашавии кӯҳ ва банд шудани маҷрои д. Зиндон пайдо шудааст. Манбаи об – пирях ва барфҳои доимӣ. Аз назди кӯл, аз водии д. Киштӯд ба *Искандаркӯл* пайраҳаи сайёҳон мегузарад.

АЛОБАЙТА́Л, деҳа дар ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомониён 9 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 665 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, заводи хишт ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз канали Кӯктош обёрӣ мешаванд.

АЛОВУДДӢН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Фархори ноҳ. Фархор. Аз А. то маркази ноҳия 3 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 3084 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, клуб ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.



Кӯли Ало.

АЛОВАДДӢНОВ Иброҳим (1932, деҳаи Чоркӯҳи ноҳ. Исфара), ангиштканҚаҳрамониМеҳнатиСотсиалистӣ (1966). Хатмкардаи Мактаби саноати маъданҳои кӯҳии Шӯроб (1951). Аз ҳамон сол аввал ба сифати роҳкушо ва баъдан ҳамчун ангишткани раёсати конҳои «Тоҷикугол» (дар Шӯроб) кор кардааст. Дар ангишткани ба муваффақиятҳои шоёни меҳнатӣ ноил гардидааст. Аз с. 1991 нафақагир. Бо ордени Ленин ва медалҳо сарфароз шудааст.

АЛОВПАРА́К, маросими халқӣ, ки миёни тоҷикон решаи қадимӣ дорад. Моҳияти онро эътиқоду ихлос ба қувваи фавқулодаи оташ ҷиҳати табобати рӯҳӣ ташкил медиҳад. Нафари мӯътақиди оинҳои халқӣ хоби бад бинад, ё тарсида бошад, ё худро вазнину нороҳат ҳис кунад, субҳи рӯзи чоршанбе (то баромадани офтоб) дар ҷойи аз чашми мардум дур аз хасу хошок се гулхан афрӯхта, се навбат аз болои онҳо ҷаҳида мегузарад. Сипас ба қафо нанигариста рост ба хона меравад. Дар баъзе мавридҳо се маротиба то нимарӯзи чоршанбе ин маросим такрор меёбад.

Дар фарҳанги анъанавии мардуми тоҷик маросимҳои бисёре мавҷуд буданд, ки дар меҳвари онҳо оташ қарор дошт. Мутобиқи тасаввуроти асотирии ниёгони тоҷикон оташ яке аз чор унсури муқаддаси табиат буда, дорои нерӯи ғайримуқаррарӣ, сӯзонандаи гуноҳҳо, бартарафкунандаи сеҳру ҷоду ва чашми бад шумурда мешуд. Бо пешрафти илму техника ва тиббу тандурустӣ теъдоди ашхоси мӯътақид ба А. кам монда, худи маросим қариб аз байн рафтааст. Бо вуҷуди ин дар ҷашнҳои миллӣ (Наврӯз, Меҳргон, Сада) ва маъракаю ҷамъомадҳои мардумӣ (чоршанбесурӣ, нӯкчамонӣ, алас, момогӣ, чароғрӯшан ва ғ.) аз он истифода мебаранд. Дар баъзе деҳоти кӯҳистони тоҷик А. ба бозии бачагон табдил ёфтааст, ки дар тақлид ба калонсолон онҳо оташ афрӯхта, аз болои он ҷаҳида мегузаранд.

Ад.: Муродов О., Дар пардаи сеҳру ҷоду, Д., 1990; Раҳимӣ Д., Шугун ва бовариҳои мардумии тоҷик, Д., 2004. *Д. Раҳимов.*

АЛО́И БУХОРОӢ Алишоҳ ибни Муҳаммад ибни Қосим (1226, Бухоро – 1300, Ҳамадон), мунаҷҷими тоҷик. Дар ш-ҳои Моваруннаҳр, Озарбойҷон, Ироқ, Эрон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Чанд муддат дар Хоразм тадқиқоти илмӣ бурдааст, ки аз ин сабаб уламои даврон ӯро Алоул-Хоразмӣ низ ном бурдаанд. Дар расадхонаи Мароға бо *Насируддини Тусӣ* (1201–74) мушоҳидаи астрономӣ гузаронидааст. Дар «Ал-ашҷор в-ал-асмор фӣ аҳком ин-нуҷум» («Дарахтон ва меваҳо дар илми нуҷум», 1286) ва «Умдат ул-Элхония» («Умдаи Элхония», 1296) ном рисолаҳояш, ки дар Лондону Мумбай маҳфузанд, донишҳои астрономии замони худро ҷамъбаст кардааст. «Зиҷи Хоразмшоҳӣ»-и ӯ (1286) ба тақвиму назарияи ҳаракати ситораҳову сайёраҳо доир аст. Ин асар дар китобхонаи Ин-ти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфуз мебошад. А. Б. дар ин рисола майли эклиптика, координатаҳои ситораҳо, хусуф (гирифти Моҳ), кусуф (гирифти Офтоб)-ро тадқиқ кардааст. Ҷадвали функсияҳои тригонометрии синус, косинус, тангенс ва котангенс, ки А. Б. тартиб додаст, аз ҷадвалҳои ҳозира хеле кам тафовут дорад. *М. Ёқубов.*

АЛОКӮЛ, Алакул, кӯли шӯри баста дар Ш. Ҷумҳурии Қазоқистон. Дар минтақаи нимбиёбон, дар баландии 343 м аз с. б., дар Хамии Балхашу Алокӯл воқеъ аст. Масоҳ. тақр. 2200 км^2, чуқуриаш то 45 м. Ба он д. Эмел мерезад. А. якҷоя бо кӯлҳои Уялӣ, Сассиққӯл ва Ҷаланашкӯл сис темаи кӯлҳоеро ташкил медиҳад, ки ҳавзаашон то 55 ҳазор км^2 мерасад. Моҳи янв. ях баста, апр. об мешавад. Аз А. ширмоҳӣ ва зағорамоҳӣ шикор мекунанд.

АЛОҚА́ (ар. вобастагӣ, пайвастагӣ), қабул ва ирсоли ахбор бо воситаҳои гуногун; яке аз соҳаҳои истеҳсолоти моддист, ки ирсоли ахбори почтавӣ, телеграфӣ, телефонӣ ва ғ-ро таъмин мекунад. А. дар хоҷагии халқ, идораи давлат, қувваҳои мусаллаҳ ва нақлиёт, инчунин барои қонеъ гардондани талаботи маданӣ ва маишии аҳолӣ аҳамияти калон дорад.

Дар замонҳои қадим қосидон (пиёдаву савора) ахборро даҳонӣ мерасонданд ё барои доду гирифти ахбор аз сигналҳои шартӣ – гулхану машъалҳо истифода мебурданд. Баъди пайдо шудани хат почта ба вуҷуд омад, ки дар давраи ғуломдории феодалӣ воситаи ягона буд. Пайдоиши воситаҳои техникии нақлиёт (автомобил, поезд, киштӣ, самолёт) боиси тараққиёти А. гашт. Олими рус П. Л. Шиллинг ба телеграфи электрикӣ бунёд гузошт (1832). Ихтироъкори америкоӣ С. Морзе аввалин аппара-


ти телеграфи электромагнитӣ сохт (1837).

А. пайваста бо телеграф вусъат ёфт. Телеграмма аввалҳо бо ишоратҳои шартии алифбои Морзе дода мешуд. Баъдтар системаҳои гуногуни аппаратҳои чопии телег раф ба вуҷуд омаданд. Соли 1876 А. Г. Белл (ШМА) телефонро ихтироъ кард. Олими рус А. С. Попов радиоалоқаро воқеӣ гардонд, ки ин давраи нави инкишофи А. буд. Минбаъд техника ва воситаҳои А. такмил ёфтанд. Бо ёрии телеграфи аксӣ ирсоли нусхаи ҳуҷҷатҳо, нақшаву суратҳо имконпазир гардид. Телевизион, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ татбиқ ёфтааст, комёбии беназири техникаи муосир мебошад. Нахустин хати А.-и почтагӣ дар Тоҷикистон с. 1866 байни Хуҷанду Тошкент ба кор даромад. Соли 1867 дар байни Хуҷанду Нов (Спитамен), Уротеппа (Истаравшан), Зомину Ҷиззах алоқаи почтавӣ оғоз шуд; ох. с. 1868 хати алоқа то Самарқанд расид. Соли 1913 дарозии хати алоқаи почтавӣ дар идораи почтаву телеграфи Хуҷанд 100 км-ро ташкил дод, ки ба он асосан нақлиёти саворӣ (асп, хар, шутур) хизмат мерасонд. Аввалин А.-и телеграфӣ дар Тоҷикистон с. 1875 байни Хуҷанду Тошканд сар шуд. Почта ва телеграф асосан ба ҳарбиёни рус ва амалдорони маҳаллӣ хизмат мерасонд. Амир, бек, амлокдорон барои расонидани амру фармон нӯкарони махсус дош танд. Аҳолии Бухорои Шарқӣ умуман аз хизмати А. маҳрум буданд. Воситаҳои А. дар Тоҷикистон фақат баъди ғалабаи Инқилоби Октябр (1917) инкишоф ёфт. Соли 1959 студияи телевизионии Душанбе ба кор даромад. Соли 1966 байни Москваю Душанбе А.-и телевизионӣ барқарор гардид. Соли 1975 барномаҳои он бори аввал бо телевизиони ранга намоиш дода шуданд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 4 шабакаи телевизионии давлатӣ ва шабакаҳои телевизионии вилоятӣ фаъолият мекунанд.

А.-и электрикӣ аз рӯи тарзи кор – симӣ ва бесим (радиоалоқа), аз рӯи тарзи ирсоли ахбор – телеграфӣ, телевизионӣ, фототелеграфӣ, радиоӣ, телевизионӣ, интернетӣ ва мобилӣ мешавад. А.-и телеграфӣ барои ирсоли ахбор дар шакли телеграмма, радиограмма, фототелеграмма ва ғ. сурат мегирад. Бо ёрии телеграф ва интернет ба нуқтаи дилхоҳи мамлакат ва хорича А.-и телеграфӣ барқарор кардан мумкин аст (ниг. *Телеграфия*). А.-и телефонӣ ба гуфтугӯи бевоситаи мусоҳибон бо мавзеъҳои дур имконият медиҳад. А.-и телефонӣ шаҳрӣ, байнишаҳрӣ, байнидавлатӣ, дохилиноҳиявӣ ва муассисавӣ мешавад. Намуди махсуси А.-и телефонӣ алоқаи диспетчерист (ниг. *Телефон*). Дар Тоҷикистон намуд ва воситаҳои А. дар асоси нақшаи ягонаи давлатӣ инкишоф ёфта, баҳри қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни хоҷагии халқ ва аҳолӣ хизмат мекунад. Воситаҳои асосии А. дар Тоҷикистон дар салоҳияти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ буда, аз як қатор муассисаҳо, шӯъба ва узелҳои алоқа, почтамтҳо, стансияҳои телефонии шаҳрию байнишаҳрӣ, телеграф, стансияи радио ва радиоузелҳо, алоқаи мобилӣ ва Интернет иборат аст. Ғайр аз онҳо инчунин муассисаҳои хусусии дастраскунандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет ба мизоҷон хизмат мерасонанд. Ҳоло шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ қариб 6 млн ва муштариёни Интернет қариб 1 млнро ташкил медиҳад. Шумораи умумии телефонҳои шаҳрӣ ва деҳот дар ҷумҳурӣ қариб ба 300 ҳазор рақам расонда шуд (2010). Барои барқарор намудани алоқаи доимӣ бо мавзеъҳои дурдасти ҷумҳурӣ, зиёд кардани суръати интиқоли ахбор ва сифати хизматрасонии алоқа сохтмони хатҳои нахӣ-оптикӣ дар самтҳои Душанбе – Хоруғ – Мурғоб, Душанбе – Шаҳристон, Душанбе – Дарбанд ба масофаи 1360 км ба итмом расонида шуд. Ҳоло дар сохтори алоқаи почтавии ҷумҳурӣ 60 марказ ва 570 шӯъбаи алоқаи почтавӣ мавҷуд аст. Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» бо 170 нашрияҳои даврии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва соҳавӣ ҳамкорӣ дошта, ба мизоҷон зиёда аз 12 млн адад рӯзномаю маҷаллаҳоро дастрас намуданд. Ҳаҷми муросилоти почтавии дохили ҷумҳурӣ 600 т-ро ташкил дод. Тариқи муассисаҳои почтавӣ аз беруни ҷумҳурӣ қариб 4 ҳазор ирсолпулӣ ба маблағи зиёда аз 2 млн сомонӣ ворид шуда, дар дохили ҷумҳурӣ қариб 40 ҳазор ирсолпулӣ ба маблағи зиёда аз 5 млн сомонӣ фиристода шуданд (2010).Ниг. *Алоқаи кайҳонӣ, Алоқаи электрикӣ, Алоқаи дурмасофа, Алоқаи мобилӣ, Алоқаи шонӣ.*

Б. Зуҳуров.

АЛОҚА́И АКС, таъсири баръакси натиҷаи ягон раванд ба рафти он, ё ки таъсири раванди идорашаванда ба узви идоракунанда. А. а. системаҳои танзим ва идоракуниро дар табиати зинда, ҷамъият ва техника ифода мекунад. А. а. мусбат ва манфӣ мешавад. Агар таъсири баръакси натиҷаи раванд онро тақвият диҳад, А. а.-ро мусбат ва агар суст намояд, онро А. а.-и манфӣ меноманд. А. а.-и манфӣ ҷараёни равандро устувор месозад; А. а.-и мусбат бошад, равандро авҷ медиҳад ва боиси ба вуҷуд омадани равандҳои лаппишноки ноустувор мегардад.



Тарҳи системаи алоқаи аксдор:
I – канали алоқаи рост; II – канали алоқаи акс;
L – таъсири шароити беруна (халал).

А. а. дар системаи танзим ва идоракунии автоматӣ алоқаест, ки ба воситаи он маълумот аз махраҷ (баромадгоҳ)-и система ба самти мадхал (даромадгоҳ)-и сигнали асосии идоракунӣ, яъне аз объекти идорашавандаи система ба олати идоракунандаи он фиристода мешавад. Маълумоти А. а. раванди идоракуниро барои ба дарачаи зарурӣ тағйир додани ҳолати объекти идорашаванда ислоҳ мекунад.

Дар системаҳои А. а.-дор, ки сис темаи сарбаста мебошанд (расми 1), дар бораи бузургии идорашавандаи ҳақиқӣ ($У_2$) маълумот аз махраҷи объекти идорашаванда (0) ба мадхали олати идоракунанда (Р) ирсол мегардад. Дар ин ҳолат канали А. а. (II) ба вуҷуд меояд (аз ин рӯ, онро алоқаи акс гуфтаанд). Ба мадхали олати идоракунанда ду (ё чанд) маълумот (бузургӣ): маълумоти аввала ($У_1$ – бузургии идорашавандаи матлуб) ва маълумоти алоқаи акс ($У_2$) дохил мешавад. Олати идоракунанда ин ду бузургиро муқоиса мекунад ва аз фарқи онҳо $Z=(У_1-У_2)$ сигнали идоракунанда (Z) ҳосил карда, ба механизми иҷроия тавре таъсир мерасонад, ки тафовути бузургиҳо баробари сифр ё ба он наздик мешаванд (мақсад аз танзим ҳам ҳамин аст).

А. а. дар системаҳои идоракунӣ асоси худтанзимдиҳӣ, худмувофиқаткунӣ мебошад. А. а. дар мошинҳо аксар ҳангоми ногаҳон тағйир ёфтани шароити беруна, барои бетағйир нигоҳ доштани раванди кори мошин, яъне барои аз халали беруна (L) муҳофизат кардани он истифода мешавад. Яке аз қадимтарин механизмҳои худтанзим-

шаванда, ки ба А. а. соҳиб аст, олати идоракунии кори осиёи обӣ мебошад.

Танзимгарони марказгурез ҳам дар асоси таъсири А. а. амал мекунанд. Онҳоро дар ҳамаи он соҳаҳои техника (хусусан дар муҳаррикҳо), ки танзими суръати чархзаниро талаб мекунанд, истифода мебаранд. Ба воситаи танзимгар (танзима)-ҳо инчунин ҳарорат, фишор, суръат, иқтидор, масраф ва дигар бузургиҳо ба таври автоматӣ танзим карда мешаванд.

А. а. дар амалиёти танзиму идоракунии системаҳои биологӣ (аз ҳуҷайра то организми том) вуҷуд дошта, барои як хел нигоҳ доштани муҳиту шароити дохилии организм, дар фаъолияти аппарати генетекӣ, системаҳои эндокринӣ ва асаб аҳамияти хос дорад. Мас., аз зиёд шудани гармии ҳаво масомаҳои пӯсти бадан васеъ шуда, қобилияти гармидиҳиаш меафзояд; ҳангоми хунук шудани ҳаво, баръакс, масомаҳои пӯст танг шуда, гармидиҳии он кам мешавад ва чунин А. а. ба танзими ҳарор. бадан кӯмак мерасонад. Монанди ҳамин, дар асоси А. а. дар организм дараҷаи муайяни фишори хун, миқдори қанд, гемоглобин, намак, об ва ғ. нигоҳ дошта мешаванд. Феълан бо А. а. зиёда аз 40 намуди касалиҳо муолиҷа карда мешаванд.

Падидаи А. а. дар мусиқӣ низ истифода мешавад. Ҳамтаъсирии қувватдиҳанда бо электрогитараро бисёр мусиқичиёни машҳур Л. Рэй, С. Бадрет, Ҷ. Ҳендрикс, П. Таушенд, К. Кобейн ва Т. Ёрк дар ичрои сурудҳои худ моҳирона ба кор бурдаанд.

А. а.-и акустикӣ (AFBS) намуди А. а. дар системаҳои техникӣ ва мавҷудоти зинда байни садо ва қабулкунанда ба воситаи сигналҳои акустикӣ мебошад. Дар асбобҳои техникӣ А. а. дар натиҷаи худангезиши системаи акустикӣ (мас., ҳангоми бо микрофон пуркувваткунии иловагии сигнали динамик, дар манзили хурд аз ҳисоби инъикос ва ғ.) ба амал меояд.

А. а. дар системаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ ҷой дорад. Танзимгари ячейкаи системаи иқтисодие, ки маҳсулоти муайян мебарорад, бозор, яъне талабот ба ҳамин маҳсулот мебошад. Тафовути байни талабот ба ашё ва бузургии идорашавандаи ячейкаи иқтисодӣ (яъне, маҳсулоти барои фурӯш тайёршуда), ки дар натиҷаи А. а. (дар асоси ба истеҳсолот расидани маълумоти талаботи бозор) зоҳир мешавад, барои танзими кори ячейкаи иқтисодӣ сигнали идоракунанда мебошад. Мураттаб кор кардани маҷмӯи ячейкаҳои иқтисодӣ, ки соҳаи саноатро ташкил медиҳанд, зарурати ба система дохил кардани мақоми ҳамоҳангсозӣ ва идоракуниро ба миён мегузорад, ки он дар асоси А. а-и ячейкаҳои иктисодӣ бояд амал кунад. Барои идора кардани тамоми саноат боз як зинаи идоракунӣ лозим мешавад, ки он дар асоси А. а. барои соҳаҳои мухталифи саноат бояд меъёрҳо муқаррар намояд.

А. а. дар соҳаи иҷтимоиёт барои муайян кардани майли сиёсӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ғ. истифода мешавад, ки он ба воситаи тадқиқоти сотсиологӣ ва пурсиши омма ба амал меояд. Ин алоқа, ки байни ҷамъият ва мақомоти ҳукуматӣ ба вуқӯъ меояд, барои мувофиқи талаботи омма ба роҳ мондани сиёсат, ки минбаъд бо роҳи қонунбарорӣ ва ВАО (нашриёт, кино, радио, телевизион, рӯзномаҳо ва ғ.) иҷро карда мешаванд, зарур аст. Қонуни А. а. яке аз мафҳумҳои асосии *кибернетика* мебошад, ки дар ҳама гуна системаҳои кибернетикӣ – системаҳои идоракунии табиати зинда (мошин, организмҳои зинда ва ҷамъият) ҷой дорад. Ниг.низ *Танзими автоматӣ*.

А. Хоҷиев.

АЛОҚА́И БАЛАНДБАСОМА́Д, ВЧ-алоқа, намуди пӯшидаи (махфии) алоқа, ки дар басомадҳои баланд ба тавассути ноқилу кабел ё хатҳои интиқоли электрик амалӣ мегардад. А. б. с.-ҳои 30 а. 20 ҳамчун алоқаи фаврии мақомоти ҳизбӣ, ҳукуматӣ ва бехатарии СССР ташкил шуда буд («вертушка»). Дар марҳилаи аввал алоқа тибқи хатҳои ҳавоӣ, дертар кабелҳои зеризаминӣ амалӣ шуда, алоқаи бехатар ва эътимоднок ҳисоб мешуд. А. б. дар давраи ҶБВ (1941 – 45) барои алоқаи фаврӣ бо фармондеҳони фронту армияҳо истифода мешуд. Дастгоҳҳои А. б. дар муассисаҳои ҳизбиву ҳукуматии ш. Москва, марказҳои вилояту кишварҳо, пойтахтҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, сафоратҳои советӣ дар мамлакатҳои лагери сотсиалистӣ гузошта шуда буданд. Солҳои 50 а. 20 шабакаи дастӣ («Искра-1») ва с-ҳои 80 шабакаи автоматии («Искра-2») А. б. ба кор даромаданд. Дар ох. с-ҳои 50 а. 20 дар СССР коркарди системаи автомобили радиотелефони «Алтай» оғоз меёбад, ки он с. 1963 ба истифода дода шуд. Ин система аввал дар басомади 150 МҲс кор мекард ва дертар барои он басомади 330 МҲс ҷудо карда шуд. Дар ох. с-ҳои 60 а. 20 дар автомобилҳои кормандони олирутба асбобҳои алоқаро махфикунанда гузошта мешуданд. Соли 1967 системаи алоқаи дуплексии радиосайёри «Роса», ки дар мавҷҳои ултракӯтоҳ кор мекард, ба истифода дода шуд. Соли 1973 бори аввал алоқаи ҳукуматӣ бо самолёт ҳангоми сафари роҳбарони СССР ба ШМА ташкил карда шуд. Ох. а. 20 дар ҷаҳон истифодаи А. а. ба тавассути хатҳои интиқоли электрик ташаккул ёфт. Ин намуди алоқа самаранок буда, интиқоли сигналҳои ахборӣ тибқи шабакаҳои электрикӣ асосан дар ду намуд: бориксоҳа (35-750 кВ) ва паҳнсоҳа (0,4-35 кВ) амалӣ мешаванд. А. б. дар мақомоти ҳокимияти ҶТ васеъ истифода мешавад. *М. Холов.*

АЛОҚА́И ДУПЛЕКСӢ ВА НИМДУПЛЕКСӢ, алоқаест, ки дар кори олоти қабул ва интиқолкунанда (модемҳо, кортҳои шабакавӣ, ратсия, аппаратҳои телефон) истифода мегардад. Дар реҷаи дуплексӣ олот маълумотро дар як вақт бо канали алоқаи амалан аз ҳам ҷудо ҳам қабул ва ҳам интиқол мекунанд. Дар реҷаи нимдуплексӣ дар ҳар як лаҳзаи вақт маълумот ё интиқол ё қабул карда мешавад. Мас., гуфтушуниди ду одам бо *телефон* (реҷаи дуплексӣ – абонентҳо дар як вақт ҳам гап зада метавонанд ва ҳам шунида) ва *ратсия* (реҷаи нимдуплексӣ – абонент дар як вақт ё гап мезанад, ё гӯш мекунад). Барои нишон додани бартарият баъзан алоқаи дуплексиро «пуррадуплексӣ» меноманд ва ҳангоми он канали якум барои олоти якум содиротӣ ва барои олоти дуюм воридотӣ, канали дуюм барои олоти дуюм содиротӣ ва барои олоти якум воридотӣ мебошанд. Суръати умумии мубодилаи маълумот дар ин реҷа ба қимати калонтарини худ соҳиб шуда метавонад. Мас., агар технологияи Fast Ethernet бо суръати 100 Мбит/с истифода гардад, пас суръат то 200 Мбит/с (100 Мбит /с – интиқол ва 100 Мбит/с – қабул) афзуда метавонад. Дар реҷаи нимдуплексӣ интиқоли маълумот фақат бо як канал дар ҳар ду самт, вале дар лаҳзаҳои гуногун амалӣ мешавад. Нишондиҳандаи суръати ин алоқа назар ба алоқаи дуплексӣ ду маротиба паст аст.

АЛОҚА́И ДУРМАСОФА, алоқаи телефонию телеграфӣ ва радифии байни нуқтаҳои аз ҳам дур (амалан номаҳдуд). Истилоҳи А. д. дар техникаи интиқоли сигналҳои электрикӣ (алоқаи симӣ) ба вуҷуд омада буд; синонимӣ он «алоқаи байнишаҳрӣ»

ва антоними он «алоқаи маҳаллӣ» (дохилишаҳрӣ ва дохилиноҳиявӣ) мебошад. Ба масофаҳои дур интиқол додани сигналҳои телефону телеграф, фототелеграфу телевизион, компютерҳои фардӣ ва ғ. бо хатҳои кабелӣ ва радиорелейии алоқа, ки ҳар кадом аз садҳо ва ҳазорҳо каналҳои мустақил иборатанд, ба амал оварда мешавад. Бо хатҳои кабелӣ тамоми давлатҳои собиқ СССР бо ҳамдигар алоқа доштанд. Феълан барои алоқаҳои дурмасофа бештар радифони маснӯи Замин (ба тавассути компютерҳои фардӣ бо интернет) истифода мегарданд, ки алоқаро зуд таъмин мекунанду нархашон нисбатан арзон аст.Ниг. *Алоқаи кайҳонӣ*. Антеннаҳои параболавӣ барои алоқаи дурмасофа.

АЛОҚАИ ИОНОСФЕРӢ, радиоалоқа ба масофаҳои дур ба воситаи мавҷи фазоӣ (ионосферӣ), ки аз қабатҳои ионосфера (хусусан аз қабати F_2) чанд карат инъикос ёфтааст. А. и. ба тавассути мавҷҳои кӯтоҳи басомадашон аз 3 МҲс (дарозии мавҷ 100 м) то 30 МҲс (дарозии мавҷ 10 м) амалӣ мешавад. Дурии А. и. аз басомад ва кунҷи тамоюли афканишот (α) вобаста аст. А. и. дар ҳодисаи *иондоршавӣ* – ба ионҳо табдил ёфтани атом ё молекула асос ёфтааст. Дар навбати худ аз ионҳо номи *ионосфера* ба вуҷуд омадааст. Ионосфера (термосфера) қисми болоии атмосфераи Замин (то баландии 690 км) буда, бо нурҳои кайҳонӣ нурборон мешавад. Он аз омехтаи газҳои атомашон нейтралӣ, молекулаҳо (асосан аз нитроген N_2 ва оксиген O_2) ва плазма иборат буда, вобаста аз зичии зарраҳои заряднок ба қабатҳои D (60 – 90 км, N_{max}~ 10^2–10^3 см$^{-3}$), E (90–120 км, N_{max}~ 10^5 см$^{-3}$), F (>140 км, N ~ 10^5–10^6 см$^{-3}$) тақсим мешавад. *М. Холов.*


Антеннаи параболавӣ барои алоқаи дурмасофа.

АЛОҚА́И КАЙҲОНӢ, ирсоли ахбор байни стансияҳои рӯизаминию аппарати париши кайҳонӣ (АПК); байни ду ё якчанд стансияҳои рӯизаминӣ бо ёрии АПК; байни ду ё якчанд АПК. А. к. ба тавассути мавҷҳои электромагнитӣ, ки бо суръати рӯшноӣ ҳаракат мекунанд, амалӣ мешавад. Дурии алоқа то садҳо млн км мерасад. Новобаста аз суръати бузург (300 ҳазор км/с) ҳангоми алоқа бо кайҳоннавардони дар мадор буда, ақибмонии сигнал ҳис карда мешавад. Вақти ақибмонии сигнал ба дурии масофаи АПК аз Замин мутаносиб аст. Мас., сигнал аз Замин то сатҳи Моҳ дар 1,5 с ва то сатҳи Миррих дар 6 дақ. мерасад. Системаи байнисайёравии «Вояҷер-1» (ШМА), ки 5 сент. 1977 ба мадор бароварда шуда буд, дуртарин объекти кайҳониест, ки бо он радиоалоқа барқарор карда шудааст. Ин стансия ҳудуди 100 в. а.-ро (1 в. а. = 149597870,66 км) гузашта (15 млрд км) ба сарҳади системаи Офтобӣ наздик шуд. Радиосигнал аз чунин масофа то сатҳи Замин дар фосилаи 14 соат меояд. Системаҳои А. к.-ро барои ирсоли ахбори телеметрӣ, телефонӣ, телеграфӣ, телевизионӣ ва сигналҳои амру идораи АПК, ченкуниҳои мадорӣ ба кор мебаранд. Дар системаи А. к. *радиоалоқа* васеъ истифода мешавад. Системаи А. к. аз системаи алоқаи рӯизаминӣ бо чунин хускусиятҳои асосӣ фарқ мекунад: муттасил (аксар вақт фаврӣ) дигар шуда истодани мавқеи АПК; зарурати донистани координатаҳои лаҳзавии АПК ва ба он нигарондани антеннаҳои қабулу ирсоли стансияҳои Замин; муттасил тағйир ёфтани басомади сигналҳои қабул ба сабаби падидаи Доплер; маҳдудияти иқтидори радиоирсолкунандаҳои АПК; дурии масофаи алоқа ва сустии сигналҳои қабул. Ҳамаи ин барои А. к. сохтани комплекси махсуси асбобҳои мураккабро зарур мегардонад. Аз ин рӯ, системаи А. к. ҳангоми кори муштараки воситаҳои ченкунӣ (системаҳои ченкуниҳои мадорӣ), маркази ҳисоб ва комплекси идораи АПК вуҷуд дошта метавонад.

Алоқаи Замин – АПК, алоқаи тарафайни байни нуқтаи алоқаи Замину АПК-ро таъмин мекунад. Дар ин ҳолат маълумот аз Замин (З) ба борт (Б)-и АПК (З-Б) ё аз борти АПК ба Замин (Б-З) фиристода мешавад. Бо хати алоқаи З-Б ба АПК сигналҳои амриро доир ба идораи АПК, ченкуниҳои масирӣ, сигналҳои алоқаи телефонӣ, телеграфӣ ва телевизиониро ба кайҳоннавардон мефиристанд. Хати алоқаи Б-З, одатан, потенсиали энергетикии паст дорад, зеро иқтидори ирсолкунандаи АПК назар ба иқтидори ирсолкунандаи стансияи Замин хеле хурд аст. Аммо қисми асосии маълумот маҳз аз хати алоқаи Б-З мегузарад. Бинобар ин, барои қабули ин ахбор дар нуқтаи алоқаи заминӣ антеннаҳои масоҳати муфидашон калон (садҳо м^2), барои алоқа бо стансияҳои байнисайёравӣ бошад, антеннаҳои масоҳати муфидашон 2 – 5 ҳазор м^2 ба кор меравад. 12 апр. 1961 ҳангоми парвози мадории кайҳоннавардии советӣ Ю. А. *Гагарин* дар киштии кайҳонии «Восток» байни Замину кайҳоннавард бори нахуст радиоалоқаи тарафайн барқарор гардид. Дар вақти парвози «Восток-2» (авг. 1961) бори аввал тасвири телевизионии кайҳоннавард Г. С. *Титов* ба Замин дода шуд. Дуртарин масофаи радиоалоқаи дутарафа ҳангоми парвози стансияҳои автоматии байнисайёравӣ дастрас гардид. Мас., ҳангоми парвози стансияҳои автоматии байнисаёравӣ ба Миррих ин масофа то 350 млн км, ба Муштарӣ то 800 – 900 млн км расид.

Алоқа ба воситаи радифи маснӯи Замин (РМЗ). Алоқа дар байни мавзеъҳои дури Замин, одатан, бо хатҳои радиорелейии биниши мустақим ба амал оварда мешавад. Чунин хатҳои алоқа аз ду нуқта – ретрансляторҳои канорӣ ва якчанд ретрансляторҳои мобайнӣ иборатанд, ки аз ҳам дар масофаи биниши мустақим (50 – 70 км) воқеъ мегарданд (Ниг. *Алоқаи радиорелейӣ*). Мавриди дар РМЗ гузоштани як ретранслятори мобайнӣ аз мадори баланд бо нуқтаҳои дуродури Замин алоқа кардан имконпазир мегардад. Радифони маснӯи алоқа (РМА)-ро ҳам дар хатҳои алоҳидаи алоқа ва ҳам дар шабакаи хатҳои радиорелейӣ барои ирсоли барномаҳои телевизион, ахбори бисёрканалаи телефонию телеграфӣ ва ғ. истифода бурдан мумкин аст. Мас., системаи «Орбита», ки дар Иттифоқи Советӣ аз с. 1967 амал мекард, аз РМА ва стансияҳои сершумори рӯизаминӣ иборат буд. Дар алоқаи радифӣ РМЗ ба сифати рет ранслятор истифода мешавад. Дар ин маврид ретрансляторҳо ба тавассути РМЗ ба баландии калон (аз сад то даҳҳо ҳазор км) бароварда мешаванд. Нахустин радиоалоқа бо РМЗ

4 окт. 1957 дар СССР баргузор шуд. 11 давлати капиталистӣ 20 авг. 1964 созишномаи ташкилоти байналмиллалии алоқаи радифиро («Интелсат») имзо карданд. Бо сабабҳои сиёсӣ давлатҳои сотсиалистӣ ба ин ташкилот ҳамроҳ нашуда, с. 1971 системаи алоқаи радифии «Интерспутник»-ро созмон доданд.

Он РМЗ, ки мадори собит дорад, ҳамеша дар болои ягон нуқтаи интихобшудаи экватор «муаллақ» истода, алоқаи мунтазами байни стансияҳои рӯизамениро дар арзҳои то 75^0 бо радиуси то 8000 км (аз нуқтае, ки радиф болои он воқеъ аст) таъмин мекунад. Мас, РМЗ-и «Интелсат» (ШМА) аз ҳамин қабил радифҳост. Ҳамин гуна се РМЗ аз ҳамдигар дар масофаҳои баробар қад-қади экватор воқеъ бошанд, алоқаи байни пойгоҳҳои дилхоҳи рӯзамениро дар ҳудуди арзҳои нишондодашуда амалӣ мегардонанд. Ҳангоми дуруст интихоб кардани тамоюли мадор ва мавқеи апогей РМЗ қисми бештари шабонарӯз дар доираи биниши мустақим аз мавзеи муайян воқеъ хоҳад буд. Ҳоло бештар чунин радифҳои маснӯи алоқа истифода мешаванд, ки бо ретрансляторҳои фаъол (қабулу ирсолкунанда) ҷиҳозонида шудаанд. Ин гуна системаҳо интиқоли ахборро якбора бо даҳҳо каналҳои тезевизионӣ ва ҳазорҳо каналҳои телефонӣ таъмин мекунанд (мас., радифони маснӯи «Молния», «Интелсат», «Синком»).

Интихоби басомадҳо барои алоқаи радифӣ ихтиёрӣ набуда, аз фурӯбарии радиомавҷҳо дар атмосфера ва андозаҳои антеннаҳо вобаста аст. Басомадҳои алоқа аз стансияи заминӣ бо радиф назар ба алоқаи радиф бо стансияи заминӣ калон аст. Басомадҳои дар алоқаи радифӣ истифодашаванда ба ҳудудҳо ҷудо ва бо ҳарфҳо ишора мешаванд.

Соҳаи Ku-басомадҳоро бо антеннаҳои начандон калон қабул кардан мумкин аст ва дар телевизиони радифӣ (DVB) истифода мешавад. Солҳои охир алоқаи радифӣ барои алоқаи Интернет низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Алоқаи байни АПК барои мубодилаи ахбор байни экипажҳои ду ё якчанд киштии кайҳонии дар парвоз буда, инчунин барои алоқаи байни экипажи киштии кайҳонӣ ва кайҳоннавардоне, ки аз киштӣ ба фазои кайҳон баромадаанд, хизмат мекунад. Ин навъи А. к.-ро барои таъмини алоқаи байни ду АПК-и автоматӣ низ истифода мебаранд. Дар ин маврид алоқа байни аппаратҳое барқарор мегардад, ки онҳо нисбат ба якдигар дар доираи биниши мустақим ва масофаҳои на он қадар дур воқеъ бошанд. Аз сабаби дар мадорҳои баланд набудани таъсири атмосфера ва ионосфера, ҳудуди радиобасомадҳоро озодона интихоб кардан, инчунин воситаҳои оптикии алоқаро истифода бурдан имконпазир мегарданд. Аз ин рӯ, бо такмили минбаъдаи генераторҳои оптикии квантӣ (лазерҳо) *алоқаи нахӣ-оптикӣ* пешомадҳои калон дорад.

А. Ҳочиев, М. Холов.

АЛОҚА́И КАЛИМАҲО́, алоқаи наҳвӣ (синтаксисӣ), муносибати синтаксисии байни калимаҳо, ки ба тавассути он ибора, ҷумла ва нутқи мураттаб пайдо мешавад. А. к. ду навъ аст: тобеъ ва пайваст. Алоқаи тобеъ аз навъҳои зерин иборат аст: мувофиқат – аз рӯи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат кардани хабар (Дарахт гул кард – Дарахтон гул карданд); изофӣ (гули сурх); пешояндӣ (ба театр рафтан); пасояндӣ (дарёро гузаштан, китобро хондан); ҳамроҳӣ, ки ба мавқеъ, маъно, тартиб ва хусусияти грамматикии калимаҳо вобаста аст (бо баҳои аъло хондан, панҷ нафар донишҷӯ, ҳамин дафтар); пешоянди ҷуфт, ки фақат дар ҷумла зоҳир мегардад (аз санг ба санг паридан; аз пагоҳ то бегоҳ кор кардан); пешоянду пасояндӣ, ки дар он дараҷаи зичии алоқаи пасоянд нисбатан суст аст (аз соли гузашта инҷониб во нахӯрдан). А. к. бо бандаки номуайянии «е» асосан хоси услуби бадеӣ (китобӣ)-ст (марде бузург, дастае аз саворон, духтаре моҳрӯю зӯҳрачабин). Дар алоқаи пайваст калимаҳо баробарҳуқуқанд, яке ба дигаре тобеъ нест (китобу дафтар, себу нок, анор ва ангур). Доираи истифода аз алоқаи пайваст нисбат ба алоқаи тобеъ маҳдуд аст.

АЛОҚА́И МОБИЛӢ (аз англ. mobile – ҳаракаткунанда, сайёр), алоқа байни абонентҳое, ки мавқеашон тағйир меёбад. Вобаста ба система ва тарзи кор А. м. ба воситаи радиоалоқа, *алоқаи шонӣ*, *алоқаи таранкингӣ*, *алоқаи пейҷингӣ* ва *алоқаи кайҳонӣ* амалӣ мегардад. А. м. ибт. а. 20 пайдо шуд. Соли 1901 радиотехники италиявӣ Гулелмо *Маркони* радиоро ба автомобил насб намуда, ба А. м.-и заминӣ асос гузошт. 17 июни 1946 дар ш. Сент Луиси ШМА нахустин хизмати радиотелефонӣ ба мизоҷон расонда шуд. Соли 1947 хизматчии ширкати «Белл лабораториес» Д. Ринг ғояи созмони шабакаҳои алоқаи сайёри шониро пешниҳод намуд. Миёнаи с-ҳои 50 а. 20 дар Европа автомобилҳои бо телефон муҷаҳҳаз пайдо шуданд. 3 апр. 1973 ширкати «Моторола» бо нахустин телефони мобилӣ алоқаро бо 30 абонент барқарор намуд. Дар солҳои баъдӣ соҳаи А. м. босуръат тараққӣ намуда, ба комёбиҳои назаррас ноил шуд.

Фаъолияти А. м. дар Тоҷикистон с. 1996 оғоз ёфт. Дар ин сол ширкати «ТоҷикТел» ба мизоҷон А. м.-и стандарти AMPS-ро пешниҳод кард. Аввалин маркази хизматрасонии абонентҳои А. м.-и стандарти GSM-ро ширкати МЛТ (ҶСП «ТТмобайл») 27 дек. 2001 дар ш. Душанбе кушод. Соли 2004 ширкати «ТК-мобайл» А. м. стандарти CDMA-ро ба роҳ монд. Дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон ин соҳа рушду такомул ёфта, ҳоло 9 ширкати дастраскунандаи А. м. ба мизоҷон хизмат мерасонанд.Ниг. *Алоқаи шонӣ.*

М. Холов.

АЛОҚА́И НАХӢ-ОПТИКӢ, намуди алоқаи электрикии ноқилӣ, ки ба сифати барандаи сигнали ахбор афканишоти электромагнитии фосилаи оптикӣ (инфрасурхи наздик) ва ба сифати системаҳои баранда кабелҳои нахӣ-оптикиро истифода мекунад. А. н.-о. дар ҳодисаи инъикоси пурраи дохилаи мавҷҳои электромагнитӣ дар сарҳади ҷудошавии диэлектрикҳои нишондиҳандаи шикасташон гуногун асос ёфтааст. Нахи оптикӣ аз ду ҷузъ иборат аст: мағз, ки барандаи нур аст ва ҷилд. Одатан, нишондоди шикасти мағз нисбати нишондоди шикасти ҷилд андаке зиёд аст. Аз ин сабаб нури рӯшноӣ дар сарҳади мағзу ҷилд чандинкрата инъикос шуда, дар мағз паҳн мешавад ва аз он берун намебарояд. Ба туфайли басомади калони баранда ва имкониятҳои васеи мултиплексикунонӣ (зичкунии каналҳо, яъне интиқоли якчанд каналҳои ахбор бо суръати хурд ба воситаи як канал) қобилияти гузаронандагии хатҳои нахӣ–оптикӣ назар ба дигар системаҳои алоқа зиёд аст (бо Тбит/с ҳисоб карда мешавад). Хомӯшшавии ночизи нур дар нахҳои оптикӣ имконияти истифодаи А. н.-о.-ро дар масофаҳои тӯлонӣ бе истифодаи пуркувваткунандаҳо амалӣ мегардонад. А. н.-о. аз халалҳои электромагнитӣ озод буда, барои ғайриқонунӣ гӯш кардани гуфтушунидҳо дастнорас аст. Таърихи истифодаи А. н.-о. аз ихтирои нахи оптикӣ аз шишаи одӣ аз ҷониби олимони ширкати британиягии «STS Laboratory» – Као ва Хок-

ман (1966) оғоз мешавад. Соли 1975 аввалин системаи нахӣ–оптикии тиҷоратӣ сохта шуд, ки рӯшноии дарозии мавҷаш 0,8 мкм-ро истифода мекард, суръаташ 45 Мбит/с ва масофаи такроркунандаҳояш 10 км буд. 22 апр. 1977 ширкати америкоии «General Telephone Electronics» аввалин шуда канали оптикиро барои интиқоли гуфтугӯи телефонии суръаташ 6 Мбит/с истифода кард. Насли дуюми А. н.-о. дар ибт. с-ҳои 80 а. 20 барои тиҷорат сохта шуда буданд, ки аз нури лазери InGaAsP-и дарозии мавҷаш 1,3 мкм истифода мекард. Соли 1987 чунин система аллакай бо суръати 1,7 Гбит/с ва масофаи такроркунандаҳояш 50 км кор мекард. Аввалин А. н.-о-и телефонии трансатлантикӣ (ТАТ-8) с. 1988 зери Уқёнуси Атлантика хобонида шуд, ки алоқаи ШМА-ро бо Европа барқарор намуд. Ибт. а. 21 системаи мултиплексикунонии мавҷӣ ихтироъ шуд, ки суръати интиқоли ахборро аз як нах якчанд маротиба зиёд намуд. Соли 2003 бо истифодаи технологияи пурракунонии тайфӣ суръати интиқол то 10,92 Тбит/с (273 каналаи оптикии ҳар кадом 40 Гбит/с) расонда шуд. Соли 2009 ширкати «Лабораторияи Белл» ин дастовардҳои техникиро истифода намуда, сигналро бо суръати 15,5 Тбит/с ба масофаи 7000 км интиқол дод.

А. н.-о. ба туфайли камхарҷ будани ҳамарӯза дар соҳаҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад: аз компютерҳо ва системаҳои кайҳонӣ, ҳавопаймоҳову киштиҳо то системаҳои интиқоли ахбор ба масофаҳои дур (мас., хати А. н.-о. байни Европаи Ғарбӣ ва Япония бомуваффақият истифода мешавад, дарозии хатҳои А. н.-о.-и зериобӣ байни қитъаҳо хеле меафзояд).

М. Холов.

АЛОҚА́И ПЕЙҶИНГӢ (аз англ. paging – ба саҳифаҳо ҷудо кардан), намуди радиоалоқаи яктарафа ба воситаи асбоби алоқаи фардӣ (пейҷер). Сохти пейҷер имконият медиҳад, ки ахбори аз шабакаи пейчингӣ фирис тодашаванда пас аз чанд лаҳза дар ҳудуди то 50 км қабул карда шавад. Барои фиристодани ахбор ба воситаи телефон бо оператори шабака тамос гирифта, рақам ё номи рамзии абонентро номбар мекунанд, сипас худи матни ахборро мегӯянд. Оператор ба абонент ахбори додашударо мефиристад. Дар ин лаҳза пейҷери абонент сигнал дода, аз омадани ахбор хабар медиҳад. Ахбори омада дар экрани пейҷер ба намуди ҳарф ё рамзҳо пайдо мешавад. Дар пейҷерҳо радиомавҷҳои ултракӯтоҳи басомадашон аз 80 МҲс то 930 МҲс (дарозии мавҷи 3,75 м то 0,32 м) истифода мешаванд. Истеҳсоли аввалин пейҷерҳоро ширкати «Motorola» (ШМА) с. 1956 ба роҳ монд. Дар ибтидо онро фақат духтурон ва менеҷерҳо истифода мекарданд, сипас дастраси омма гардид. Дар Тоҷикистон ширкатҳои пейчингии «Ҷаҳон-пейҷ» (1997) ва «Сомон-пейҷ» (2000) фаъолият мекарданд. Вале бо пайдо шудани телефонҳои мобилӣ (ибт. а. 21) ва паст рафтани арзиши хизмати онҳо, талабот ба А. п. кам шуда, ширкатҳо аз фаъолият монданд.

М. Холов.

АЛОҚАИ ПОЧТАВӢ, (лот. *posita* – истгоҳи иваз намудани аспҳо, рус. *почта*, араб. *барид*), почта, намуди алоқа, комплекси ягонаи саноативу технологӣ ва васоити нақлиётӣ, ки қабул, коркард, кашондан ва супурдани муросилоти почтавӣ (мактубҳо, нашрияҳои даврӣ, бастаҳо, равонакҳо ва ғ.) ва воситаҳои пулиро иҷро мекунад (Ниг. низ *Барид*).

Дар ох. а. 19 дар ҳудуди Осиёи Миёна намуди одии А. п. фаъолият дошт. Муросилоти почтавиро қосидони давлатии пиёда ё савора («чопор», «элчӣ») мерасонданд. Ин қосидон фақат ба намояндагони ҳукуматӣ, хону бойҳо ва тоҷирон хизмат мерасонданд. Халқи одӣ ахборро «аз даҳон ба даҳон» дар ҷойҳои ҷамъомади омма (бозор, масҷид, чойхона) мегирифт. Пас аз забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россия, таъсиси генералгубернатории Туркистон (27.07.1867) ва округи ҳарбии Туркистон талабот ба ҳама намудҳои алоқа, аз он ҷумла А. п. зиёд шуд. Воситаҳои алоқа ба Россияи подшоҳӣ барои тезтар азхудкунии ҳудудҳои нав, мустаҳкам намудани ҳукуматҳои навтаъсис, рушди савдо, созмони бозори арзони ашёи хом ва хариду фурӯш лозим буд. Бо ин мақсад байни шаҳрҳо ва мавзеъҳои зарури иқтисодӣ шоҳроҳҳои почтавӣ сохта, муассисаҳои почтаи савора кушода мешуданд. Аввалин шӯъбаи А. п. дар ҳудуди Тоҷикистон с. 1865 дар ш. Хуҷанд кушода шуд. Почта ба воситаи аробаи сеаспа кашонда шуда, онро посбонони мусаллаҳ ҳамроҳӣ мекарданд. Ох. с. 1866 шоҳроҳҳои почтавии Тошкент–Хуҷанд, с. 1867 – 68 Хуҷанд–Ӯротеппа–Нов ва Ӯротеппа–Зомин–Ҷизах–Самарқанд кушода шуда, А. п. моҳе ду маротиба амалӣ мешуд. То с. 1868 шоҳроҳҳо ва истгоҳҳои почтавӣ аз ҳисоби бочи «ӯҳдадории ёмчигӣ»-и аҳолӣ ситонидашаванда нигоҳ дошта мешуданд, ки онро с. 1865 губернатори ҳарбии Туркистон ҷорӣ карда буд. Дар ин гуна шоҳроҳҳо бехатарии муросилотро ду номарасони мусаллаҳ ва даҳ казаки рус, ки дар ҳар стансияҳои почтавӣ мезистанд, таъмин мекарданд. Авв. а. 20 сохтмони р. о., заводу фабрикаҳо, корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна дар рушди воситаҳои алоқа аҳамияти калон доштанд. Намудҳои нави алоқа (кашонидани почта тариқи роҳи оҳан) ва хизматҳо (интиқоли мактубҳои арзишдор, бастаҳо, интиқоли пул, расондани рӯзномаву маҷалла) таъсис ёфта, муассисаҳои почтавӣ қад-қади роҳҳои оҳану вокзалҳо кушода мешуданд. Соли 1913 тӯли шоҳроҳи алоқаи почтавии Хуҷанд 100 км-ро ташкил дода, асосан нақлиёти савора (асп, ароба, шутур) истифода мешуд. Худи ҳамон сол дар Саройкамар (Панҷ) аввалин шӯъбаи алоқа кушода шуд. Дар ҳамон давра дар Бухорои Шарқӣ ба ҳар як муассисаи почтавӣ бештар аз 600 ҳазор аҳолӣ рост омада, масоҳ. фарогирии алоқа 130 ҳазор км^2-ро ташкил медод. То инқилоби Октябр (1917) аҳолии музофоти Хуҷанд қариб 160 нусха рӯзнома ва 86 нусха маҷалла мегирифтанд. Дар баробари ин алоқаи телеграфӣ низ тараққӣ меёфт. Соли 1873 дар Осиёи Миёна аввалин хати телеграфи байналхалқӣ кори худро оғоз карда, аз с. 1876 дар шаҳрҳои калон низ кушода шуд. Дар с-ҳои 20 - 30 а. 20 якчанд қарору ҳуҷҷатҳо оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии алоқа қабул шуда, шӯъбаҳои алоқа дар деҳот кушода шуданд. Намудҳои нави кашондани почта (автомобилӣ, ҳавоӣ) пайдо шуданд. Хати ҳавоии Тошкент – Самарқанд – Термез – Душанбе (930 км) кушода шуд. Бо фармони Комиссариати халқии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро аз 10 сент. 1923 шоҳроҳи почтавии Қаршӣ–Ғузор–Душанбе (340 км) кушода шуд, ки аз 13 стансияҳо иборат буда, барои кашонидани муросилот 201 сар маркаб, 250 сар асп ва 54 сар шутур истифода мешуданд.

Октябри 1923 дар Душанбе стансияи почтавӣ-нақлиётӣ таъсис дода шуд, ки 23 корманд, 20 сар асп, 25 шутур ва 100 маркаб дошт. Соли 1924 дар Душанбе нахустин шӯъбаи А. п. кушода ва коммутатори алоқаи телефонӣ барои 50 абонент насб карда шуд. Чанде пас (1925) шӯъбаҳои А. п. дар

Қаротоғ, Янгибозор, Файзобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Саройкамар ва с. 1926 дар Обигарм, Ҳисор, Ғарм, Хоруғ, Мурғоб, Ҷиликӯл, Шаҳритус ва Фархор кушода шуданд. Пас аз чоп шудани аввалин рӯзномаҳои тоҷикӣ («Овози тоҷик», «Иди тоҷик»), 18 апр. 1925 Қарори Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани паҳнкунии матбуот» ба тавсиб расид, ки мувофиқи он паҳн намудану бурда расондани матбуоти даврӣ ба зимаи кормандони милиса, алоқа, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва паҳнкунандагони матбуот гузошта шуд. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи тараққӣ намудани воситаҳои алоқа ва ташкили робитаи мунтазами почтавӣ дар ҷумҳурӣ» хатсайрҳои нави почтавии Душанбе – Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл – Саройкамар – Кӯлоб (408 км), Душанбе – Файзобод – Ғарм (184 км) кушода шуданд. Аз с. 1927 шоҳроҳи почтавии Душанбе – Ромит – Хоруғ ба фаъолият оғоз кард. Соли 1927 хатҳои телеграфи Душанбе бо Ҳисор, Файзобод, Рашт, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл, Панҷ, с. 1929 Душанбе – Термез ва с. 1935 Душанбе – Хуҷанд – Ӯротеппа, Душанбе – Кӯлоб – Ховалинг сохта шуданд. Ох. с. 1928 дар ҷумҳурӣ 36 муассисаи алоқа, аз он ҷумла дар Душанбе – 10, вил. Ғарм – 8, Кӯлоб – 7, Қӯрғонтеппа – 5, Кӯҳистони Бадахшон – 6 фаъолият дошт. Адади онҳо с. 1929 аллакай ба 46, шумораи қуттиҳои почта ба 150 расонида шуда, 34 номарасони савора хизмат мерасонданд. Ҳамон сол дар Душанбе стансияи алоқаи телефонии шаҳрӣ барои 250 абонент сохта шуд. Октябри 1930 Раёсати алоқаи РСС Тоҷикистон дар ҳайати 10 нафар таъсис ёфт, ки ба он 27 шӯъбаҳои алоқа шомил шуданд. Ноябри ҳамон сол Анҷумани якуми коркунони алоқаи ҷумҳурӣ барпо гардид, ки он вазифаҳои асосии соҳаи алоқаро муайян намуд. Соли 1931 дар партави қарори «Оид ба ташкили хизмати номарасонҳои колхозӣ» номарасонҳо муросилоти почтавӣ, рӯзномаю маҷалларо акнун ба деҳот, колхозҳо ва ҳавлиҳои ҷудогона мерасонидагӣ шуданд. Соли 1932 дарозии умумии шоҳроҳҳои почта ба 1928 км расида, ба аҳолӣ ҳафтае се маротиба муросилоти почтавӣ ва матбуоти даврӣ расонида мешуд. Соли 1935 бинои Почтамти ш. Душанбе сохта шуд. Солҳои 1933 – 37 барои тараққиёти соҳаи алоқа 2 млн рубл ҷудо шуда, 16 бинои нави алоқа, аз он ҷумла 12-то дар деҳот сохта ба истифода дода мешаванд.

Ибтидои с. 1941 дар ҷумҳурӣ 263 муассисаи алоқаи почтавӣ фаъолият доштанд, ки 80 фоизи он дар деҳот ҷойгир шуда буд. Кашондани муросилоти почтавӣ ва матбуоти даврӣ ба воситаи нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ ичро мешуд. Дар давраи ҶБВ (1941 – 45) кормандони почта бо меҳнати зарбдори худ ғалабаи халкро бар фашизм наздик месохтанд. Танҳо дар с. 1942 муассисаҳои почтавии ҷумҳурӣ барои фронт зиёда аз 5 ҳазор равонакҳо (посилка) қабул намуда ба майдони ҷанг фиристоданд. Ҳаҷми кор дар муассисаҳои почта ду маротиба, шумораи мактубу бастаҳо ва равонакҳо якчанд маротиба афзуд. Дар ин давра 16 муассисаи иловагии алоқа кушода шуда, то ох. с. 1945 шумораи онҳо ба 279 адад расид.

Пас аз ҶБВ ва дар раи барқарорсозии оқибатҳои ҷанг А. п. рушду такомул ёфт. Солҳои 1951 – 58 барои тараққиёти воситаҳои алоқа, аз он ҷумла А. п. 4575 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Соли 1957 ҳамаи агентиҳои алоқа ба шӯъбаҳои алоқа табдил шуда, дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ узелҳои алоқа сохта шуданд. Дар с-ҳои 1959 – 65 талабот ба хизмати А. п. зиёд шуда, муросилоти содирӣ аз 12 млн то 25 млн расид. Дар ин ҳафтсола корҳои зиёде оид ба механикунонидану автоматонидани равандҳои истеҳсолӣ ба анҷом расонида шуд. Фақат дар почтамти Душанбе 174 адад таҷҳизот васл карда шуд. Дарозии хатсайрҳои А. п. 18035 км, аз он ҷумла ҳавоӣ 10500 км-ро ташкил дод.

Дар с-ҳои 1966 – 70 барои хизматрасонии аҳолӣ ва хоҷагии халқи ҷумҳурӣ 161 шӯъбаи алоқаи нав кушода шуда, дар мавзеъҳои дурдас ту кӯҳӣ шӯъбаҳои алоқаи сайёр хизмат мерасонданд. Дар ин панҷсола хизматҳои нави А. п.: расондани нафақа ба хонаи колхозчиён, қабули интиқоли пул, дархости расондани тӯҳфа аз мағоза, қабули пардохти ҳаққи энергияи электрикӣ ва коммуналӣ ва ғ. ҷорӣ карда шуданд. Дар баъзе муассисаҳои А. п. Душанбе, Ленинобод ва шаҳрҳои дигар «Бюрои хизматрасонӣ» кушода шуданд. Соли 1968 почтамти тақсимкунандаи назди р. о. Душанбе, 10 бинои узелҳои алоқа дар Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Чкаловск, Панҷакент, Комсомолобод, Айнӣ, Советский ва дигар ноҳияҳо сохта ба истифода дода шуданд.

Солҳои 1970 – 75 ҳамаи намудҳои алоқа, аз он ҷумла А. п. рушду нумӯ ёфта, узелҳои алоқаи замонавӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кохозобод, Қумсангир, Восеъ, Файзобод, Конибодом сохта ба истифода дода шуданд. Дар с-ҳои 80 а. 20 сохтмони узелҳои алоқаи калон дар Хоруғ, Регар, Норак, Ёвон, Зафаробод ва дигар навоҳии ҷумҳурӣ идома ёфта, то пошхӯрии СССР қариб 30 бинои серошёнаи замонавӣ сохта шуданд. Соли 1990 механиконии корҳои почта ба 80 – 90 фоиз расида, имконияти коркарди то 150 т муросилоти почтавӣ пайдо шуд.

Пас аз мустақил гардидани ҶТ яке аз нахустин қарорҳои ҳукумат «Дар бораи алоқа» (27 дек. 1993) буд, ки моддаи 9 он ба А. п. бахшида шудааст. Соли 1994 ҶТ ба узвияти Иттифоқи умумиҷаҳонии почта ва ҳамкории минтақавии ИДМ пазируфта шуд, ки ба вусъати робитаҳо бо кишварҳои хориҷӣ, истифодаи таҷрибаи онҳо мусоидат намуд. Соли 1996 бо мақсади ислоҳот ва ба амал баровардани дигаргуниҳои сохторӣ дар дохили Вазорати алоқаи ҶТ Идораи давлатии «Почтаи Тоҷикистон» ташкил ёфт. Дар тобеияти ин идора 3 ташкилоти вилоятӣ, муассисаи байниноҳиявӣ, маркази «Марка», Маркази алоқаи махсуси ҷумҳуриявӣ, почтамтҳои шаҳрӣ ва байналхалқӣ, 60 марказҳои А. п.-и шаҳриву ноҳиявӣ, 593 шӯъбаҳои алоқа мавҷуданд. Дар ин соҳа 1421 нафар корманд ба хизмати мардум ва хоҷагии халқи мамлакат омодаанд. 1 авг. 2003 Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почтавӣ» қабул гардид, ки дар рушду тараққиёти соҳа нақши муҳимеро мебозад.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ намудҳои нави расонидани муросилоти почтавӣ ба монанди DHL, EMS, FedEx амал мекунанд. Ширкати DHL аз соли 1996 фаъолияташро дар Тоҷикистон оғоз намуда, бор ва ҳуҷҷатҳои таъҷилиро ба 120000 шаҳри 220 давлати дунё дар мӯҳлати то 72 соат (3 шабонарӯз) бурда мерасонад.

М. Холов.

АЛОҚА́И РАДИОРЕЛЕЙӢ, намуди алоқа, ки ба воситаи радиостансияҳои қабулу ирсолкунандаи пайдарпай амалӣ мешавад. А. р.-и заминӣ, одатан, дар амвоҷи детсиметрӣ ва сантиметрӣ фаъолият мекунад. Аз рӯи таъйинот А. р. ба якчанд категория (маҳаллӣ, дохилиминтақавӣ, магистралӣ ва ғ.) тақсим мешавад, ки ҳар кадом дорои соҳаи басомадҳои махсус аст. Чунин тақсимот ба таъсири муҳити паҳншавӣ ба сифати А.

р. алоқаманд мебошад. Мас., то басомади 12 ГҲс ҳодисаҳои атмосферӣ ба сифати радиоалоқа кам таъсир мерасонанд; дар басомадҳои аз 15 ГҲс ин таъсир аллакай зиёдтар ҳис мешавад; дар басомадҳои зиёда аз 40 ГҲс ин таъсир муайянкунанда мешавад. Ғайр аз ин, дар басомадҳои зиёда аз 40 ГҲс ба сифати алоқа ҳодисаи хомӯшшавии мавҷҳо дар газҳои атмосфераи Замин таъсир мерасонад. Талафоти атмосферӣ асосан дар талафоти атоми оксиген ва молекулаҳои об ба амал меоянд. Ношаффофияти пурраи атмосфера барои радиомавҷҳо дар басомади 118,74 ГҲс (фурӯбурди резонансӣ дар атомҳои оксиген) ба вуҷуд омада, дар басомадҳои зиёда аз 60 ГҲс хомӯшшавии тӯлонӣ зиёда аз 15 дБ/км-ро ташкил медиҳад. Хомӯшшавии радиомавҷҳо дар буғҳои оби атмосфера аз тарокуми (консентратсия) онҳо вобаста буда, дар иқлими гарму намнок зиёд ва дар басомадҳои аз 45 ГҲс пурра мешавад. Инчунин ба сифати радиоалоқа қатраҳои борон, барф, жола, туман ва ғ. (гидрометеорҳо) таъсир мерасонанд. Ин таъсир дар басомадҳои зиёда аз 6 ГҲс ҳис шуда, дар шароитҳои ногувори экологӣ (мавҷудияти чанги металл, кислота, ишқорҳо ва ғ. дар боришоти атмосферӣ) ба тарафи басомадҳои хурд майл мекунад.

Дар А. р. антеннаҳо дар масофаи биниш ҷойгир карда мешаванд (ба истиснои стансияҳои тропосферӣ). Барои зиёд кардани ин масофа антеннаҳоро дар сутунҳо ё биноҳои баланд (радиуси биниш 40 – 50 км) мегузоранд. Стансияҳо собит ё сайёр (дар атомобилҳо) мешаванд. Фарқияти асосии стансияҳои радиорелейӣ аз дигар намудҳои радиостансия дуплексӣ будани реҷаи кори он мебошад (қабулу ирсол дар басомадҳои гуногун дар як вақт амалӣ мегардад). Тӯли хатҳои заминии А. р. то 10000 км, ғунҷоишаш дар хатҳои алоқаи одӣ то якчанд ҳазор каналҳои басомади овозӣ ва дар хатҳои алоқаи рақамӣ то 622 Мбит аст.Ниг. *Радиоалоқа*. *М. Холов.*

АЛОҚА́И РАҚАМӢ, соҳаи техника, ки ба тавассути воситаҳои он маълумоти рақамӣ ба масофа интиқол дода мешавад. Бо А. р. инчунин сигналҳои қиёсиро (аз рӯи савия ва вақт бефосила, мас., овоз, тасвир), ки сараввал ба намуди рақамӣ баргардонда шудаанд (дискретикунонӣ), интиқол медиҳанд. Чунин табдилдиҳӣ бе талаф амалӣ намегардад, яъне сигнали қиёсӣ дар намуди рақамӣ баъзе нуқсонҳо дорад. Таҷҳизоте, ки аз ахбори истифодашуда маълумот тайёр карда, онро ба шакли ба истифодабаранда фаҳмо табдил медиҳад, таҷҳизоти терминалӣ (таҷҳизоти охирии маълумот) ном дорад (компютер). Таҷҳизотеро, ки маълумотро барои интиқол додан ба воситаи хати алоқа ба шакли мувофиқ табдил медиҳад ва амалиёти баръакси онро иҷро мекунад, таҷҳизоти охирии хати алоқа меноманд (модем). Интиқоли сигнал ба воситаи аломатҳо амалӣ мегардад. Ҳар як аломат ҳолати муайяни сигнал дар хати алоқа буда, маҷмӯи ин ҳолатҳо интиҳоӣ аст. Яъне, аломат миқдори хурди ахбор, як ё якчанд *битро* интиқол медиҳад. Шумораи аломатҳои интиқолшаванда дар воҳиди вақт суръати манипулятсия ё суръати аломатҳо (baud rate) номида мешавад ва воҳидаш *бод* (1 бод = 1 аломат/с) аст. Миқдори ахбори дар воҳиди вақт интиқолшаванда суръати интиқоли ахбор номида мешавад ва воҳидаш *бит/с* аст. Ба шакли барои интиқол бо хат ё каналҳои алоқа мувофиқ табдилдиҳии маълумот *модулятсия* ном дорад. Системаҳои муосири А. р. барои интиқоли ахбор шабакаву каналҳои алоқаҳои симӣ, нахӣ-оптикӣ, кайҳонӣ, радиорелейӣ ва қиёсиро истифода мебаранд.

М. Холов.

АЛОҚА́И ТРАНКИНГӢ (англ. *trunking* – ба даста муттаҳид намудан), системаҳои радиалӣ-минтақавии радиоалоқаи сайёри заминӣ (мавҷҳои ултракӯтоҳ), ки каналҳои алоқаи стансияҳои бунёдиро байни мизоҷон ба таври автоматӣ тақсим мекунанд. Истилоҳи «транкинг» маънои методҳои имконият пайдо кардани мизоҷон ба дастаи каналҳои умумиро дорад, ки мувофиқи он дар вақти алоқа ба мизоҷ канали озод ҷудо карда мешавад. Ба А. т. инфрасохтори заминӣ (таҷҳизоти собита) ва стансияҳои абонентӣ шомиланд. Асоси шабакаи инфрасохтори заминиро стансияи бунёдӣ ташкил медиҳад, ки он аз якчанд ретранслятор, антенна ва таҷҳизоти назораткунанда иборат аст. Ин таҷҳизот кори стансияи бунёдӣ, каналҳои ретрансляторҳоро идора карда, баромадан ба шабакаи телефонии истифодаи умумӣ ва дигар намудҳои алоқаи телефониро таъмин мекунад. Шабакаи А. т. метавонад як (шабакаи якминтақавӣ) ё якчанд (шабакаи бисёрминтақавӣ) стансияи бунёдӣ дошта бошад. Системаи муосири А. т. гуфтугӯҳои гуногуни мизоҷон: гурӯҳӣ, фардӣ, умумӣ ё интихобиро таъмин намуда, барои баромадан ба шабакаи телефонии шаҳр имконият медиҳад.

Дар ҶТ А. т. (басомади 440 – 447 МҲс) аз с. 1996 ба роҳ монда шуда, ба воситаи ширкати «Т-Ранк» дар ш-ҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа сис- темаи чорканала, дар Хуҷанд – дуканала фаъолият мекард. Бо сабаби васеъшавии шабакаи алоқаи мобилӣ аз с. 2005 А. т. муваққатан фаъолият намекунад. *М. Холов, В. Хинензон.*

АЛОҚА́И ТРОПОСФЕРӢ, радиоалоқаи дурмасофа, ки ба ҳодисаи бозафканиши энергияи электромагнитӣ ҳангоми дар *тропосфера* паҳншавии радиомавҷҳо асос ёфтааст ва дар ҳудуди мавҷҳои ултракӯтоҳ (детсиметрӣ, сантиметрӣ) амалӣ мегардад. А. т. баъзе афзалиятҳо дорад: барои истифодаи интиқолдиҳандаи иқтидорашон хурд, антеннаҳои доираи фарогириашон калону андозаашон хурд, ки халалҳои байнистансияviро кам мекунанд, имкон медиҳад; дорои имконияти интиқоли каналҳои бисёр дар як басомади корӣ мебошад; дар ин соҳа таъсири халалҳои гуногун каманд.

Тропосфера қабати поёнии атмосфераи Замин (6 – 20 км) буда, дар он 80 фоизи массаи ҳаво ҷойгир аст. Аз ин ҷиҳат дар он ҳодисаҳои гуногуни геофизикӣ рух дода, боду ҳаво ташаккул меёбад, ки ба паҳншавии радиомавҷҳо таъсир мерасонанд. Ғайриякҷинсагии электрикии тропосфера ба тағйирёбии ҳарорат, фишор ва намнокии ҳаво вобаста буда, ин бузургиҳо бо зиёдшавии баландии тропосфера кам мешаванд. Мавҷи тропосферӣ байни нуқтаҳои сатҳи замин аз рӯи масире, ки дар тропосфера мехобад, паҳн мегардад. Энергияи радиомавҷи аз 100 см хурд дар ғайриякҷинсагии тропосфера пароканда мешавад. Дар ин ҳолат қисми энергия ба антеннаи қабулкунандаи стансияи А. т., ки дар масофаи 250 – 350 км ҷойгир аст, меафтад. Пайдарҳамии чунин стансияҳо шабакаи А. т.-ро ташкил медиҳад. А. т. радиостансияҳои пуриқтидорро тақозо менамояд. Аз сабаби хурд будани нишондиҳандаи ғайриякҷинсагии тропосфера (*е*) иқтидори миёнаи сигнал дар А. т. ниҳоят паст буда, бо зиёд шудани масофа кам мешавад. Дар натиҷаи тағйирёбии фазоӣ ва вақтии нишондиҳандаи ғайриякҷинсагии тропосфера савияи радиосигнал доим тағйир меёбад. Аз ин сабаб дар А. т. бояд техникаи ирсоли сигнали иқтидораш калон (1 – 50 кВт), қабул-

кунандаҳои фавқулҳассос, антеннаҳои бузург, методҳои махсуси интиқол ва ғ. истифода шаванд. Бузургиҳои энергетикии таҷҳизоти муосири алоқа имконият медиҳанд, ки дар масофаи 150 – 250 км то 120 – 240 канали телефонии як шохаи баландбасомад ва дар масофаи 800 – 1000 км то 12 канал ташкил карда шавад. Интиқоли сигналҳои телевизионӣ фақат дар масофаи 150 – 200 км имкон дорад, лекин аз сабаби ба қабулкунак расидани мавҷҳои бисёр сифаташ хуб нест. Хати А. т.-ро, одатан, дар мавзеъҳои камаҳолии дастнорас, ки сохтмону истифодаи онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ камхарҷ аст, месозанд.

Соли 1962 дар СССР якумин А. т.-и «Баклан» (Р-408) сохта шуд, ки қутри антеннааш 10 м, масофаи алоқааш 120 – 150 км буда, ба воситаи он 24 канали телефонӣ интиқол дода мешуд. Дар солҳои баъдӣ стансияҳои А. т.-и рақамӣ сохта шуданд, ки нишондиҳандаҳои техникиашон беҳтар, масофаи алоқаашон дуртар ва сифати алоқаашон хубтар аст. *М. Холов.*

АЛОҚА́И ҲАРБӢ, маҷмӯи воситаву усулҳои мубодилаи иттилоот, ки барои идора намудани қӯшун шароит фароҳам меоваранд. Вазифаи асосии А. ҳ. дар ҳама гуна вазъият бо алоқа таъмин намудани фармондеҳон (командирон) ва ҳамаи дараҷаҳои ситодҳо барои мунтазам идора кардани қӯшунҳо (қувваҳо), дар вақташ ба қӯшунҳо расондани хабари ҳамлаи душман ва ба ҷанг омода намудани онҳо мебошад. Талаботи асосӣ нисбат ба А. ҳ.: дар вақташ барқарор намудани алоқа, эътимодияти кор, суръатнокӣ, махфияти хабари ирсолшуда. Дар ибтидо барои А. ҳ. чопарҳо (сарбозони аспсавор ё пиёда), инчунин воситаҳои ишоратии алоқа (гулханҳо, таблу зангӯлаҳо ва ғ.) истифода мешуданд. Аз миёнаи а. 19 дар артишҳо телеграфи электрикӣ пайдо шуд, аз ибт. а. 20 истифодаи алоқаҳои радиоӣ, радиотелеграф ва телефон ҷорӣ гардид. Дар қувваҳои мусаллаҳи ҳозира воситаҳои гуногуни А. ҳ. истифода мешаванд. Бо ёрии воситаҳои ноқилӣ ва радиоӣ (радиорелеӣ, тропосферӣ) алоқаи телефонӣ, телеграфӣ, фототелеграфӣ, телекодӣ (ирсоли маълумот), ба тавассути воситаҳои мутаҳаррик (самолётҳо, вертолётҳо, автомобилҳо, мотосиклҳо ва ғ.) алоқаи фелдъегериву почтавӣ, ба воситаи мушакҳо, фонусҳо, байрақчаҳо, бурғуҳо ва ғ. алоқаи сигналӣ (барои фармонҳои хурд, фарқ кардани ҳамдигар, нишон додани ҳадаф, мавқеи қӯшунҳои худӣ ва огоҳсозӣ) таъмин карда мешавад. Эътимоднокии А. ҳ. ба вазъияти ҷангии баамаломада ва истифодаи маҷмӯи воситаҳои алоқа вобаста аст. А. ҳ. дар асоси қарори фармондеҳ (командир), дастури сардори ситод, амри ситоди болоӣ вобаста ба маҷудият ва ҳолати воситаҳои алоқа ташкил гардида, бо қӯшунҳои алоқа таъмин карда мешавад.

АЛОҚА́И ШОНӢ (аз англ. cellular – шон, хонаи занбӯри асал), яке аз намудҳои радиоалоқаи мобилӣ дар асоси шабакаҳои шонӣ. Хусусияти асосии А. ш. дар он аст, ки минтақаи умумии алоқаи пахшшаванда ба ячейкаҳо тақсим карда мешавад, ки бо минтақаҳои стансияҳои бунёдии ҷудогона тавсиф меёбанд. Ин минтақаҳо дар тарҳи умумӣ ба намуди шашкунҷаҳои мунтазам (шонҳо) ишора мешаванд, ки ба хонаи занбӯри асал монанданд ва сабабгори чунин номгузорӣ шудани он аст. Шонҳо ҳамдигарро қисман рӯйпӯш карда, дар якҷоягӣ шабакаро ташкил медиҳанд. Шабака аз таҷҳизоти интиқолу қабулкунандаи дар як басомад коркунанда ва коммутатсиякунандае, ки мавқеи кунунии абонентҳои сайёрро муайян карда, дар вақти ҳаракати онҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар алоқаи бефосиларо таъмин мекунад, иборат аст. Асоси шабакаи шонӣ стансияҳои бунёдӣ ва телефонҳои шонӣ мебошанд. Стансияҳои бунёдӣ, одатан, дар манора ё боми биноҳо ҷойгир карда мешаванд. Телефони шонӣ ҳангоми васл кардан сигнали стансияи бунёдиро қабул карда, рамзи муайянкунандаи беҳамтои худро мефиристад. Телефону стансия доимо дар тамос буда, ба воситаи пакетҳо додугирифт мекунанд. Алоқаи телефону стансия бо протоколи қиёсӣ (AMPS, NAMPS, NMT-450) ё рақамӣ (DAMPS, CDMA, GSM,UMTS) амалӣ мегардад. Шабакаҳои шонии дастраскунандагони гуногун бо ҳам ва шабакаи телефонии собит пайвастанд. Ин имконият медиҳад, ки абонентҳои ширкатҳои дастраскунандаи А. ш. бо якдигар ва аз телефонҳои мобилӣ ба собит ва баръакс алоқа кунанд. Ширкатҳо метавонанд бо ҳам қарордоди роумингӣ банданд. Тибқи он абонент дар минтақаи ғайрифаъоли шабакаи худ ахборро метавонад ба воситаи шабакаи дигар гирад.

Системаи А. ш. бори нахуст дар маърӯзаи техники ширкати «Bell System», ки с. 1971 ба комиссияи федералии алоқаи ШМА пешниҳод шуда буд, тарҳрезӣ шудааст. Соли 1974 комиссияи федералии алоқаи ШМА дар хусуси ба А. ш. ҷудо намудани соҳаи басомади 40 МҲс дар паҳноии 800 МҲс қарор қабул кард. Соли 1978 дар Чикаго озмоиши аввалин шабакаи таҷрибавии А. ш. барои 2 ҳазор абонент оғоз шуд. Солҳои баъдина дар мамолики дунё, аз ҷумла Канада (1978), Япония (1979), давлатҳои Скандинавия (Дания, Норвегия, Шветсия, Финляндия, 1981), Испания ва Англия (1982) ва ғ. А. ш. мавриди истифода қарор гирифт.

А. ш. яке аз соҳаҳои алоқа буда, дар ҶТ ба мизоҷон аз июни 1996 пешниҳод карда мешавад. Дар ин сол ширкати «ТоҷикТел» А. ш.-и стандарти AMPS ва аз с. 2002 стандарти GSM-ро ҷорӣ намуд. Нахустин дастраскунандаи А. ш.-и стандарти GSM ширкати «Индиго-Сомонком» буд, ки марти 2000 дар Хуҷанд ба фаъолият оғоз кард. 5 окт. 2001 дар ш. Душанбе ҶСП «ТТ-мобайл» (МЛТ) хизматрасонии А. ш.-и стандарти GSM-900/1800 МҲс-ро ба роҳ монд. Ноябри 2001 ширкати «Индиго Тоҷикистон» ба фаъолият оғоз карда, хизматҳои А. ш.-и стандарти GSM-ро дастрас менамуд. 1 янв. 2003 ширкати «Вавилон-Мобайл» ба кор оғоз кард ва А. ш.-и стандарти GSM 900/1800 МҲс-ро ба мизоҷон дастрас намуд. Яке аз нахустин дастраскунандагони А. ш.-и стандарти CDMA дар ҶТ ширкати «СкайТел» аст, ки с. 2003 ба фаъолият оғоз кард. Июни 2004 ширкати «ТК-мобайл» А. ш.-и стандарти CDMA-800-ро ба роҳ монд. 16 июли 2005 ҶСП «М.Теко», ки дар стандарти CDMA-450 МҲс фаъолият мекунад, дар шимоли ҶТ ба фаъолият оғоз кард. Аз февр. 2006 ин ширкат дар ш. Душанбе ба мизоҷон хизмат мерасонад. 11 сент. 2006 ҶСК «ВимпелКом» ба воситаи номи тиҷоратии «Билайн» дар соҳаи А. ш.-и ҶТ ба фаъолият оғоз намуд. Марти 2010 ширкатҳои «Индиго Сомонком» ва «Индиго Тоҷикистон» бо ҳам омехта, бо номи «Тселл» ба мизоҷон хизмат мерасонанд. Ҳоло А. ш. дар ҶТ соҳаи босуръат тараққикунанда буда, 9 ширкат ба мизоҷон хизмат мерасонанд. *М. Холов, Ғ. Эркаев.*

АЛОҚА́И ЭЛЕКТРИКӢ, намуди алоқа, ки дар он ахбор ба воситаи сигналҳои электрикии дар ноқилҳо паҳншаванда, радиосигналҳо, инчунин системаҳои алоқаи оптикӣ ва электромагнитии гуногун интиқол

дода мешавад. Аз рӯи хусусияти ахбори интиқолшаванда А. э. телефонӣ, телеграфӣ, факсимилӣ ва видеотелефонӣ мешавад. Алоқаи телефонӣ намуди А. э. барои мубодилаи ахбор ба воситаи сӯҳбат бо истифодаи аппаратҳои телефонӣ мебошад. Алоқаи телеграфӣ системаи коммутатсионии алоқа буда, дар он ахбор дастӣ чида, ба воситаи ишорот ба ҷониби қабулкунанда интиқол дода, дар як вақт чоп карда мешавад (телеграмма). Алоқаи факсимилӣ интиқоли матн ва тасвирҳои собит бо каналҳои телефонӣ ба воситаи аппарати махсус аст (телефакс). Алоқаи видеотелефонӣ алоқаи дутарафаест барои интиқоли тасвиру овоз бо як канали телевизионӣ ё ду канали телефонӣ. Дар ҶТ А. э. тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи электрикӣ», ки 10 майи 2002 қабул шудааст, амалӣ мешавад. *М. Холов.*

АЛОҚАЧӢИ ХИЗМАТНИШОНДОДАИ РСС ТОҶИКИСТОН, унвони фахрӣ (аз с. 1989 Корманди шоистаи соҳаи алоқаи Тоҷикистон), 7 апр. с. 1965 таъсис ёфта, ба кормандони баландихтисоси инженер-техникии соҳаи алоқа: операторон, радистҳо, телефонисту телеграфчиён, хаткашонҳо, инчунин роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, ки аз рӯи ихтисос дар соҳаи худ камаш даҳ сол кор кардаанд ва дар инкишофи воситаҳои алоқа, ҷорӣ намудани техникаи нав, хизматрасонии намунавӣ ба аҳолӣ ва корхонаю муассисаҳо саҳми босазо гузоштаанд, дода шудааст. Ашхоси зерин ба дарёфти ин унвон ноил гардидаанд:

1966: Антонова Александра, Бозоров Турсун, Бойбобоев Камолиддин, Божко Владимир, Болдирева Просковя, Гришин Борис, Дворов Сергей, Имомбердиев Худомун, Комкова Мария, Корнеев Григорий, Лемешева Нина, Медведев Николай, Миралишоева Суратмоҳ, Очилдиев Сергей, Прибилшикова Татяна, Тараханова Лидия, Уланов Прокофий, Худойқулов Нормурод, Шеховсева Мария.

1968: Пеккер Саломон, Расулов Ғафур, Рачабов Розиқ, Феоктистова Клавадия.

1969: Алиназарова Зиёдабегим, Корнеев Иван, Новенчина Мария, Шкурников Дмитрий.

1971: Попов Даниил.

1973: Афанасев Алексей, Кабиров Ҳомид, Муҳаммадов Боймат.

1974: Гулов Абдучамил, Инатуллоев Дагӣ, Ковалёва Мирия, Моргунова Мария, Никонова Лидия, Раҳмонов Санг, Рюмков Владислав.

1975: Мубораков Паррандабек.

1976: Додобоев Ваҳҳоб, Кудряшов Иван.

1977: Назиров Назар, Фасман Израил, Сангов Сафаралӣ.

1978: Абдураҳмонов Усмон, Гологжина Анна.

1979: Маҳмудов Ғанӣ.

1980: Мирмуҳаммадов Мирзо, Осяшин Александр, Толибов Латиф.

1981: Юнусохунов Абдукаримхон.

1982: Алинкина Алевтина, Икромов Ризвон.

1983: Давлатхоҷаев Алиназар.

1986: Гринков Николай.

1987: Сарадбеков Қумайдон.

1988: Ватаншоев Юсуфшо.

1989:Тарковский Владимир, Шербадалов Шариф.

1990: Авнуков Леон, Абдукаримов Идибек, Асоев Фатҳиддин, Коретский Алексей, Қаламфуров Пайшанбе, Муровитский Валерий.

1994: Каламбердина Валериана, Севастянова Галина, Халилов Абдуалӣ.

1996: Гизатулина Нина, Комилов Шукрулло, Ниёзова Саодат.

Унвон авв. с. 1997 барҳам хӯрдааст. *Ё. Назармамадов.*

АЛОҚНӮЙИН, Улоқнӯён, Алақнӯён (с. тав. ва ваф. номаълум), сипаҳсолори маъруфи муғул, ки дар тасарруфи чандин шаҳрҳои болооби Сайҳун (Сирдарё) ширкати фаъол доштааст. Сипаҳсолори дигари муғул, ки бо ҳамин ном дар забти навоҳии Вахш ва Толиқон даст доштааст. А. тирамоҳи 1219 бо амри *Чингизхон, Сакату* ва *Тӯқой* бо панҷ ҳазор сипоҳиён ба ш. *Банокат* ҳуҷум карданд. Шаҳр се рӯз дар муҳосира буд ва оқибат тасхир шуд. Сипас лашкариёни муғултабор Хуҷандро ба муҳосира гирифтанд. Муҳосираи Хуҷанд ним сол идома ёфт ва *Темурмалик* аз қалъаи обӣ муқобили муғулон мардонавор муқобилият мекард. Дар набардҳои минбаъдаи муғулон аз А. ёд нашудааст.

Ад.: Боймат ов Л., Темурмалик, Д., 2006; ҳамон муалл., Аз Темурмалик чӣ медонем? Д., 2006; Номе, ки ҳаргиз фаромӯш намешавад, мач. «Садои Шарқ», 2007, № 6. *Л. Боймат ов.*

АЛОМАТГУЗОРИИ САРҲАД, муайян намудани ҳудуди сарҳади давлатӣ дар маҳалҳо ба воситаи аломатҳои махсус. Барои таъйин намудани хати сарҳад байни ду давлат намояндагони расмии тарафайн мутобиқи шартномаи тақсимбандии сарҳад, ки дар он хати сарҳади давлатӣ сабт гардида, замимааш харитаи махсус мебошад, бо насбу гузоштани аломатҳои махсуси сарҳадӣ, аз қабили сутунҳои рангоранги рақамдори дар тарафи рӯяи сарҳадиаш рамзи давлатӣ часпонидашуда, симхори дуқабата кашидашуда, замини аз дутарафи симхор (бараш аз 3 то 4 м) шудгоршудаву молазада сарҳадро аломатгузорӣ менамоянд. Дар маҳалҳои кӯҳсор, дарёҳо (мисли Панҷ) низ аломати сарҳадиянд. Дар бахрҳо, барои дақиқ намудани хати сарҳад, пилари шиновар (бӯй) мегузоранд. Оид ба тамоми амалиёти марбут ба тақсимбандии сарҳад намояндагон ҳуҷҷатҳои махсус тартиб медиҳанд. Ниг. низ. *Сарҳади давлатӣ.*

АЛОМА́ТИ ДАЛАМБЕР, аломати наздикшавандагии қаторҳои ададӣ. А. Д.-ро математики франсавӣ Жан Даламбер с. 1768 муқаррар кардааст. Агар барои қатори ададии $\sum_{n=1}^{\infty} a_n$ адади $q < 0 < 1$ вуҷуд дошта бошад ва нобаробарии $\left|\frac{a_{n+1}}{a_n}\right| \le q$ барои n-и дилхоҳ (ё аз ягон n сар карда) иҷро шавад, он гоҳ қатори додашуда мутлақ наздикшаванда аст. Агар аз ягон қимати n сар карда нобаробарии $\left|\frac{a_{n+1}}{a_n}\right| > 1$ ҷой дошта бошад, қатор дуршаванда аст. А. Д.-ро дар шакли зерин низ истифода мебаранд: агар $\rho = \lim_{n\to\infty} \left|\frac{a_{n+1}}{a_n}\right|$ бошад, он гоҳ қатори додашуда дар ҳолати $r<1$ будан мутлақ наздикшаванда ва дар ҳолати $r>1$будан дуршаванда аст. *Н. Қозиҷонова.*

АЛОМА́ТИ КОШӢ, аломати наздикшавандагии қаторҳои ададиро гӯянд. Мувофиқи аломати радикалии Коши агар барои қатори ададии аъзояш ғайриманфии $\sum_{n=1}^{\infty} a_n$ чунин адади ρ $(0<\rho<1)$ пайдо шавад, ки нобаробарии $\sqrt[n]{a_n} < \mathrm{r}$ барои n-и дилхоҳ (ё аз ягон n сар карда) иҷро шавад, қатор наздикшаванда аст. Аломати радикалии Коши бештар дар шакли ҳудудии зерин истифода мешавад: агар барои қатори ададии зикргардида $\lim_{n\to\infty} \sqrt[n]{a_n} = l$ бошад, пас дар ҳолати $l<1$ будан қатор наздикшаванда ва дар ҳолати $l>1$ будан қатор дуршаванда аст. Агар $l=1$ бошад, масъалаи наздикшавандагии қаторро бо истифода аз аломатҳои дигар ҳал кардан лозим меояд. Ало

мати интегралии Коши низ барои тадқиқи наздикшавандагии қаторҳои ададии мусбат истифода гардида, имкон медиҳад, ки тафтиши наздикшавандагии қатори ададӣ ба тадқиқи наздикшавандагии интегралӣ ғайрихос оварда шавад. Мувофиқи теоремаи Коши, агар функсияи $f(x)$ дар интервали $(1, \infty)$ мусбат, ба таври монотонӣ камшаванда ва $f(n) = a_n$ бошад, он гоҳ қатори $\sum_{n=1}^{\infty} a_n$ ва интегралӣ ғайрихоси $\int_1^{\infty} f(x)dx$ рафтори ҳамгуна доранд, яъне ҳарду ё наздикшаванда ё дуршаванда мебошанд.

Н. Қозиҷонова.

АЛОМА́ТҲОИ АСТРОНОМӢ, ишораҳои шартии Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, инчунин бурҷҳои дувоздаҳгона, шакли сайёраҳо, авзои Моҳ ва ғ., ки дар адабиёти доир ба астрономия ва тақвимҳо ба сифати сурати рамзӣ истифода мешаванд. Аксари А. а. дар даврaҳои қадим ба вуҷуд омадаанд. Дар асарҳои астрономии олимони тоҷики асрҳои миёна ду намуди ишораҳо вомехӯранд: аломатҳо ва ҳарфҳои алифбои арабӣ. Абурайҳони *Берунӣ* (973 – 1048) дар «Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим» («Китоб доир ба фаҳмондани аввали санъати илми нуҷум») барои ишораи Офтоб, Моҳ ва сайёраҳо аломатҳои зеринро истифода кардааст:

– Зуҳал
– Зӯҳра
– Муштарӣ
– Аторуд
– Миррих
– Моҳ
– Офтоб

Аҳмади *Дониш* (1826 – 1897) дар «Манозир ул-кавокиб» («Манзараи ситораҳо») барои ишораи Офтоб, Моҳ, сайёраҳо, бурҷҳои дувоздаҳгона ва ҳодисаҳои астрономӣ як ё ду ҳарфи охирини он истилоҳро истифода кардааст.

Аломатҳои ситораву сайёраҳо:
Шамс – س
Қамар – ر
Миррих – خ
Аторуд – د
Муштарӣ – ى
Зӯҳра – ه
Зуҳал – ل

Аломатҳои ҳодисаҳои астрономӣ:
қирон – ن
эҳтироқ – ق
тасдис – دس
таслис – ث
тарбиъ – ع
таҳвил – يل
муқобала – له
меҳтариқа – قه
явм – م
лайл – ل
найира – ه
рос – اس
занаб – نب
истиқомат – مت
ручъат – عت
шараф – ف
танозири явмӣ – ظم
танозири матлаӣ – طع
ҳубут – ط

Аз с. 1991 барои ишораи аломатҳо стандарти умумиҷаҳонии Юникод (англ. *Unicode*) қабул карда шудааст. Истифодаи ин стандарт имкон медиҳад, ки аломатҳои гуногуни алифбоҳо ба рамзҳо баргардон шуда,

Аломатҳои сайёраҳо

Ном	Аломат	Рамз дар Юникод
Моҳ (чораки якум)	☽	U+263D
Моҳ (чораки охир)	☾	U+263E
Аторуд	☿	U+263F
Зӯҳра	♀	U+2640
Замин	⊕	U+2295
	♁	U+2641
Миррих	♂	U+2642
Муштарӣ	♃	U+2643
Зуҳал	♄	U+2644
Уран	⛢	U+26E2
	♅	U+2645
Нептун	♆	U+2646
Плутон	♇	U+2647

Аломатҳои бурҷҳои дувоздаҳгона

Номи арабӣ	Номи форсӣ-тоҷикӣ	Аломат	Рамз дар Юникод
Ҳамал	Барра	♈	U+2648
Савр	Гов	♉	U+2649
Ҷавзо	Дупайкар, Дугоник	♊	U+264A
Саратон	Харчанг	♋	U+264B
Асад	Шер	♌	U+264C
Сунбула	Хӯша	♍	U+264D
Мизон	Тарозу	♎	U+264E
Акраб	Каждум	♏	U+264F
Қавс	Камон	♐	U+2650
Ҷадӣ	Бузғола	♑	U+2651
Далв	Дӯл	♒	U+2652
Ҳут	Моҳӣ	♓	U+2653

Аломатҳои астероидҳо

Ном	Аломат	Рамз дар Юникод
Серера	⚳	U+26B3
Паллада	⚴	U+26B4
Юнона	⚵	U+26B5
Веста	⚶	U+26B
Хирон	⚷	U+26B7

Аломатҳои сайёраҳо дар астрология

Рӯзҳои ҳафта	Сайёра	Металл	Рамз
Якшанбе	Офтоб	Тилло	☉
Душанбе	Моҳ	Нуқра	☽
Сешанбе	Миррих	Оҳан	♂
Чоршанбе	Аторуд	Симоб	☿
Панҷшанбе	Муштарӣ	Қалъагӣ	♃
Ҷумъа	Зӯҳра	Мис	♀
Шанбе	Зуҳал	Сурб	♄

дар тамоми ҷаҳон як хел истифода шаванд. Ҳоло тибқи Юникод А. а. чунин ишора карда мешаванд.

М. Холов.

АЛОМА́ТҲОИ ГЕОДЕЗӢ, иншооти рӯизаминӣ ва таҷҳизоти зеризаминӣ, ки барои дар ягон маҳал ҳам устувор ва ҳам нишона кардани пунктҳои геодезӣ хизмат мекунанд. Ниг. *Пунктҳои геодезӣ*.

АЛОМА́ТҲОИ МАТЕМАТИКӢ, ишораҳои шартии мафҳум, ибора ва ҳисобкуниҳои математикӣ. Пайдоиши ишораҳои математикӣ бо инкишофи мафҳумҳои математика робитаи мустаҳкам дорад. Нахустин А. м. рақамҳо буданд. Аввалин аломатҳои ҳарфӣ дар рисолаҳои олими Юнони Қадим Диофант вомехӯранд. Аломатҳои алгебравии ҳозиразамон дар а-ҳои 15 – 17 ба вуҷуд омаданд. Инкишоф ва такмили А. м. ба пайдоиши соҳаҳои нави математика (ҳисоби операторӣ, ҳисоби вариатсионӣ, ҳисоби тензорӣ) ва мантиқи математикӣ мусоидат кард. Аломатҳои асосии математикӣ дар ҷадвал оварда шудаанд.

А. Қурбонов.

АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ, аломатҳои ист, пунктуатсионӣ, маҷмӯи васоити графикӣ, ишораҳо, аломатҳо, ки бар замми ҳарфҳо ба

ҶАДВАЛИ АЛОМАТҲОИ АСОСИИ МАТЕМАТИКА

Аломат	Ном	Муаллиф	Санаи ба илм дохил шудан
Аломати объектҳои ҷудогона			
∞	беинтиҳоӣ	Ҷ. Валлис	1655
e	асоси логарифмҳои натуралӣ	Л. Эйлер	1736
π	нисбати дарозии давра ба диаметр	У. Ҷонс	1706
i	решаи квадратӣ аз -1	Л. Эйлер	1777
i,j,k	векторҳои воҳидӣ, ортаҳо	У. Гамилтон	1853
П(а)	кунҷи мувозӣ	Н. И. Лобачевский	1835
Аломати объектҳои тағйирёбанда			
x, y, z	номаълумҳо ё бузургиҳои тағйирёбанда	Р. Декарт	1637
$\vec{r}$	вектор	О. Коши	1853
Аломатҳои алоҳида			
+ –	ҷамъ тарҳ	математикҳои немис	охири а.15
×	зарб	У. Оутрел	1631
·	зарб	Г. Лейбнитс	1698
:	тақсим	Г. Лейбнитс	1684
a^2, a^2, ... a^n	дараҷаҳо	Р. Декарт И. Нютон	1637 1676
√,∛, ...^{n}√	решаҳо	К. Рудолф А. Жирар	1525 1629
Log *log*	логарифм	И. Кеплер Б. Кавалйери	1624 1632
sin cos tg	синус косинус тангенс	Л. Эйлер	1748 1753 1753
arcsin	арксинус	Ж. Лагранж	1772
Sh Ch	синуси гиперболӣ косинуси гиперболӣ	В. Риккати	1757
dx,ddx,...d²x, d³x,...	дифференсиал	Г. Лейбнитс	1675 (1684)
$\int ydx$	интеграл	Г. Лейбнитс	1675 (1686)
$\frac{d}{dx}$	ҳосила	Г. Лейбнитс	1675
$f'(x)$ y'	ҳосила	Ж. Лагранж	1770 1779
Δx	фарқ	Л. Эйлер	1755
$\frac{\partial}{\partial x}$	ҳосилаи хусусӣ	А. Лежандр	1786
$\int_a f(x)\,dx$	интеграли муайян	Ж. Фурйе	1819
$\sum$	сумма	Л. Эйлер	1755
$\prod$	ҳосили зарб	К. Гаусс	1812
!	факториал	К. Крамп	1808
$\lvert x\rvert$	модул	К. Вейерштрасс	1841
$\lim_{n=\infty}$ $\lim_{n\to\infty}$	ҳудуд, лимит	С. Луилйе У. Гамилтон ва диг.	1786 1853 ибтидои а. 20
ξ	дзета-функсия	Б. Риман	1857
Γ	гамма-функсия	А. Лежандр	1808
B	бета-функсия	Ж. Бине	1839
Δ	делта (оператори Лаплас)	Р. Мёрфи	1833
∇	набла (оператори Гамилтон)	У. Гамилтон	1853
Аломатҳои амалҳои тағйирёбанда			
$\varphi(x)$ $f(x)$	функсия	И. Бернулли Л. Эйлер	1718 1734
Аломатҳои нисбатҳои ҷудогона			
=	баробарӣ	Р. Рекорд	1557
> <	калон хурд	Т. Гарриот	1631
≡	қиёсӣ	К. Гаусс	1801
∥	мувозӣ	У. Оутред	1677
⊥	амудӣ	П. Эригон	1634

муназзамӣ, мантиқан дуруст будани сохтори забони хаттӣ, талаффузи солим, оҳанги гуфтор, хониши дурусти матн замина фароҳам меоваранд. Қоидаҳои корбурди А. к. мавзӯи омӯзиши яке аз соҳаҳои баёни хаттӣ *пунктуатсия* мебошад. Дуруст ва дар ҷойи худ ба кор бурдани ҳар як аломати китобатро нутқи хаттӣ тақозо менамояд. Дар хати имрӯзаи забони тоҷикӣ, ки ба алифбои русӣ асос ёфтааст, даҳ аломати китобат – *нуқта*, *вергул*, аломати *савол,* аломати *хитоб*, *дунуқта* (баён*), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак* маъмуланд. Онҳо ба забони тоҷикӣ с-ҳои 30 а. 20 (давраи оғози истифода аз алифбои лотинӣ) бо таъсири забони русӣ гузаштаанд. Дар хатҳои қадимие, ки дар забони тоҷикӣ маъмул буданд: хати мехӣ, хати паҳлавӣ (форси миёна), хати авестоӣ, хати арабӣ А. к. ба мафҳуму шакли маъмулии имрӯза вуҷуд надоштанд, аммо баъзе аломатҳое дар ин хатҳо ба назар мерасанд, ки нишонае аз А. к. мебошанд. Мас., дар хати мехӣ пас аз якчанд калима, ки бо аломатҳои мехмонанди ба шакли уфуқӣ сабтгардида як хати моили мехмонанд оварда шудааст, ки он ҷудокунандаи гурӯҳи калимаҳо буд. Дар хати авестоӣ (дастнависҳо ва чопи интиқодии Авесто, ки дар ох. а. 19 Карл Гелднер ба табъ расонидааст) пас аз калимаҳо се нуқта (ду нуқта дар поён, як нуқта болои ин ду нуқта, дар мобайн ба шакли секунҷа) гузошта шудааст. Дар хати арабӣ А. к. ба шакле, ки имрӯз маъмуланд, вуҷуд надоштанд. Аломатҳои диакритикии болову поёнии ҳарфҳо забар, пеш, касра ва ғ. барои дуруст хондани матн таъин гардида буданд. Дар Қуръон дар дохил ва пас аз ҳар оят аломате ба шакли барг ё ғунчаи гул гузошта мешавад, ки онро аломати вақф (вуқуф; ист) мегӯянд. Ин аломатро як нишонае аз аломати китобат шумурдан мумкин аст. Ин гуна аломат дар баъзе дастнависҳои девони ашъори шоирони гузашта, баёзҳо, ҷунгҳо пас аз мисраъҳо ва байтҳо ба назар мерасад.

Дар забоншиносии тоҷик А. к.-ро ба гурӯҳҳои гуногун – ҷудокунанда (тире, қавс, нохунак), фарққунанда (нуқта, вергул, нуқтавергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта, баён, сенуқта), А. к.-и маъмул дар охири ҷумла (нуқта, савол, хитоб, сенуқта, нуқтавергул), А. к.-и маъмул дар дохили ҷумла (вергул, дунуқта-баён, нохунак, тире) ва муштаракмавқеъ тақсимбандӣ карда мешаванд. Ин-

чунин А. к. се ҷанба доранд: маъноӣ ё мантиқӣ, грамматикӣ ё наҳвӣ ва оҳангӣ. Вазифаи асосии ин се ҷанба ба тариқи хаттӣ дақиқ ифода кардани мақсад ва аз тарафи хонанда равшан дарк намудани мӯҳтавои асосии матлаби нигошташуда аст. Дар ҷумлаҳои хабарӣ (ҳикоят) нигоранда дар бораи ҳодиса ё воқеае хабар медиҳад, бинобар ин дар охири чунин ҷумлаҳо аломати нуқта, мегузоранд. Дар ҷумлаҳои саволӣ нигоранда бо мақсади донистани фикре ё равшан намудани ягон паҳлуи он матлабро ба тариқи пурсиш ифода мекунанд, аз ҳамин сабаб дар охири чунин ҷумлаҳо аломати савол гузошта мешавад. Дар охири ҷумлаҳое, ки хитоб, амр, фармонро ифода мекунанд, аломати хитоб мегузоранд. Ҷанбаи наҳвии А. к. дар он зоҳир мегардад, ки ҳиссаҳои ҷумлаи сода ё ҷумлаи мураккаб, ки аз ҷиҳати маъно ва муносибати грамматикӣ алоқаманданд, ба андозаи гуногуни ист аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Агар ин талаботи наҳвии ифодаи фикр риоя нашавад, аз матн фаҳмидани асли матлаб имконнопазир мегардад. Он ҳиссаҳои наҳвии ҷумла бо ёрии оҳанг ба фосила ҷудо ва бо мароми хоса талаффуз мешаванд.

Ад.: Ҳусейнов Х., Шукурова К., Луғати терминҳои забоншиносӣ, Д., 1983; Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ч-ҳои 2, 3, Д., 1986, 1989; Обидов У., Каримов Ш., Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, Д., 1992; Шокиров Т., Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, Д., 2010.

Б. Камолиддинов, М. Диловаров.

АЛОМА́ТҲОИ РО́Ҳ, аломатҳои андозаву рангашон гуногун, ки дар кӯчаву роҳҳои автомобилгард гузошта мешаванд. А. р. воситаи муҳими техникии тартиби ҳаракат буда, ронандаву пиёдагардонро аз қитъаҳои хатарноки роҳ, самти ҳаракат огоҳ менамоянд, оид ба нуқтаҳои хизматрасонӣ иттило медиҳанд, ҳаракати нақлиёту пиёдагардонро ба танзим меоваранд. Дар СССР аввалин А. р. с. 1927 мураттаб шудаанд. Соли 1933 миқдори онҳо ба 22, с. 1953 ба 39, с. 1960 ба 55 расид. Аз 1 янв. 1973 мувофиқи меъёри давлатӣ (ГОСТ-и 10807-71) 126 аломатҳои гуногун ва ҷадвалҳо дар амал ҷорӣ шуданд. Ин меъёр, ки мувофиқи талаботи Конвенсия дар бораи аломатҳо ва нишонаҳои роҳ (1968, Вена) ва Созишномаи Европоӣ (1971, Женева) тартиб дода шуда буд, шакл, андоза, ранг, тасвир, вазифа ва ҷои гузоштани А. р.-ро муқаррар мекард. 5 гурӯҳи А. р. мавҷуд буданд: огоҳкунанда, манъкунанда, амрдиҳанда, ишоратӣ ва воситаҳои иловагии иттилоотӣ. Ҳар яки ин аломатҳо рақами тартибӣ (индекс) дорад, ки аз ду-се адад иборат аст. Адади якуми зери аломат гурӯҳ, адади дуюм рақами тартибии аломат ва адади сеюм рақами зергурӯҳро нишон медиҳад. Аломатҳои огоҳкунанда ба шакли секунҷаи баробартарафи зард (то с. 1975), манъкунанда ба шакли доираҳои зард (то с. 1975), амрдиҳанда ба шакли доираи кабуд, ишоратӣ ба шакли росткунҷаи кабуд, воситаҳои иловагии иттилоотӣ ба шакли чоркунҷа ё росткунҷаи ҳарранга сохта мешуданд. Дар пайраҳаҳои кӯҳистони тоҷик аз қадим мисраи ғазал ё байтеро чун аломати огоҳкунанда ба кор мебурданд. Мас., дар рӯи харсангҳои соҳилҳои пурхатари д-ҳои Ягноб, Фон, Зарафшон ва Панҷ катибаҳои зеринро пайдо кардаанд: «Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок. Дар сари миҷгон чу ашк истодай, ҳушёр бош!» ё худ «Эй сорбон, оҳиста рон!» ва ғ. Дар ҶТ барои муайян намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаракат дар роҳ ва бехатарии он, танзими ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ 4 ноябри 1995 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» қабул карда шуд. Дар асоси талаботи қонуни мазкур, пас аз тайёр намудани лоиҳаи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва мувофиқа намудани он бо вазорату кумитаҳои дахлдор 25 дек. 1997 «Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№ 565) таҳия ва тасдиқ карда шуд. Дар замимаи №1 Қоидаҳо, нисбат ба қоидаҳои қаблӣ 10 А. р.-и нав: 3. 32 «Ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳои хатарнок манъ аст», 3. 33 «Ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳои тарканда ва зудоташгиранда манъ аст», 3. 34 «Ҳаракати автобусҳо манъ аст», 3. 35 «Охири минтақаи манъи ҳаракати автобусҳо», 4. 9. 1 – 4. 9. 3 «Самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳои хатарнок», 5. 38 «Минтақаи истиқоматӣ», 5. 39 «Охири минтақаи истиқоматӣ», 5. 40 «Ҷои ноҳамвории сунъӣ» ва аломатҳои иттилооти иловагии: 7. 4. 8 «Намуди воситаи нақлиёт», 7. 19 «Гурӯҳи бори хатарнок» илова шудаанд. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ №28 аз 4 февр. 2003 ба қарори амалкунанда тағйироту иловаҳо дохил карда шудааст. А. р. дар асоси меъёрҳои давлатӣ (ГОСТ 10807 – 78 ва 23475-86) мураттаб гардида, ба 7 гурӯҳ тақсим мешавад ва шумораи умумии онҳо 275-ро ташкил медиҳанд, аз он ҷумла: огоҳкунанда – 43, афзалият – 9, манъкунанда – 37, дастурдиҳанда – 18, иттилоотиву ишоратӣ – 104, хизматрасонӣ – 14 ва лавҳачаҳои иттилоотӣ-иловагӣ – 50. Мутобиқи талаботи меъёрҳои зикр шуда шакли аломатҳо чун пештара бетағйир мондаанд, ранги аломатҳои огоҳкунанда ва манъкунанда сафед буда, дар атрофаш ҳошия (тасма)-и сурх кашида шудаст; аломатҳои дастурдиҳанда, иттилоотӣ-ишоратӣ ва хизматрасонӣ ранги кабуд доранд.

Ҳ. Мунаввaров, С. Билолов.

АЛОМА́ТҲОИ ТОПОГРАФӢ, аломатҳои шартии хаританависӣ, ки тарҳ, андоза, мавқеъ, алоқамандии фазоиву мантиқии объектҳои маҳал, инчунин баъзе тавсифоти миқдорию сифатии онҳоро ифода мекунанд. А. т. аслӣ ва нисбӣ буда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: биноҳо, роҳҳои ҳамл (интиқоли лӯлаҳои газ, нефт, об ва ғ.) ва нақлиётӣ (роҳҳои автомобилгард, роҳҳои оҳан), киштзор, растанӣ, хок (замин). Истифодаи А. т. дар ҳама мавридҳои нақшабардорӣ ҳатмист. А. т. аз қисми графикӣ (тасвирӣ) бо нақша ва тавзеҳи он бо матн иборатанд.

Н. Давлатов.

АЛОМА́ТҲОИ ҶИНСӢ, маҷмӯи аломатҳое, ки мансубияти ҷинсии организмро муайян месозанд. А. ҷ. якумин, дуюмин (биологӣ) ва сеюмин (гендерӣ) мешаванд. А. ҷ.-и якумин ва дуюмин ирсӣ буда, сохтори онҳо ҳанӯз дар ҳуҷайратухми бордор ниҳода шудааст. Инкишофи баъдии А. ҷ. бо иштироки *гормонҳо* рух медиҳад. А. ҷ.-и сеюмин тафовутҳои равонӣ ва иҷтимоию фарҳангиро дар назар доранд. Мас., дар Шотландия либоси миллии мардҳо килт (юбка) аст, ҳол он ки дар дигар кишварҳо он як ҷузъи либоси занона мебошад.Ниг. низ *Ҷинс.*

АЛОМА́ТҲОИ ШОҲМОТ, системаи сабт ва ишороти хаттии рафти бозии шоҳмот ё вазъияти муайяни ин бозӣ дар рӯи *натъ*. Якчанд навъи А. ш. вуҷуд дорад. Машҳуртарини онҳо: аломатҳои рақамӣ, аломатҳои тафсирӣ, коди Удеман, аломатҳои алгебраӣ.

Аломатҳои алгебравии шоҳмот дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмул аст, ки онро шоҳмотбози сурёнӣ Стамма Филипп (аз Ҳалаб) дар миёнаҳои а. 18 ихтироъ намуд ва М. Гиршел дар с. 1784 такмил дод. Дар ин навъи А. ш. тахтаи шоҳмот дар арз ба ҳашт ҳарфи лотинӣ аз «а»

АЛОМАТҲОИ РОҲ

Аломатҳои огоҳкунанда



1.1 Гузаргоҳи ғавчӯбдори роҳи оҳан
1.2 Гузаргоҳи бегавчӯби роҳи оҳан
1.3.1 Роҳи оҳани якхатта.
1.3.2 Роҳи оҳани бисёрхатта
1.4.1 1.4.2 1.4.3 1.4.4 1.4.5 1.4.6 Наздикшавӣ ба гузаргоҳи роҳи оҳан



1.5 Буришгоҳи хатти ҳаракати трамвай
1.6 Буришгоҳи роҳҳои аҳамияташон баробар
1.7 Буришгоҳи ҳаракати давродавр
1.8 Танзими ҳаракат тавассути чароғи раҳнамо
1.9 Кӯпруки миёнҷудо
1.10 Баромадгоҳ ба маҳаллӣ назди соҳил
1.11.1 Гардиши хатарнок



1.11.2 Гардиши хатарнок
1.12.1 1.12.2 Гардишҳои хатарнок
1.13 Нишебии рост
1.14 Баландии рост
1.15 Роҳи лағжонак
1.16 Роҳи ноҳамвор



1.17 Регпарто
1.18.1 1.18.2 Танғшавии роҳ 1.18.3
1.19 Ҳаракати дутарафа
1.20 Гузаргоҳи пиёдагард
1.21 Кӯдакон



1.22 Убури пайраҳаи велосипед
1.23 Корҳои роҳсозӣ
1.24 Рондани чорво
1.25 Ҳайвони ваҳшӣ
1.26 Рехтани сангҳо
1.27 Шамоли паҳлу
1.28 Тайёраҳои пастпарвозкунанда




1.29 Туннел
1.30 Хатарҳои дигар
1.31.1 1.31.2 1.31.3 Самти гардиш

Аломатҳои афзалият



2.1 Роҳи асосӣ
2.2 Охири роҳи асосӣ
2.3.1 Убури роҳи дуюмдараҷа
2.3.2 Пайвастшавии роҳи дуюмдараҷа
2.3.3



2.4 Роҳ диҳед
2.5 Ҳаракат бидуни бозистодан манъ аст
2.6 Афзалияти ҳаракати муқобил
2.7 Афзалият нисбат ба ҳаракати муқобил

Аломатҳои манъкунанда



3.1 Даромадан манъ аст
3.2 Ҳаракат манъ аст
3.3 Ҳаракати воситаҳои нақлиёти механикӣ манъ аст
3.4 Ҳаракати автомобилҳои боркаш манъ аст
3.5 Ҳаракати мототсиклҳо манъ аст
3.6 Ҳаракати трактороҳо манъ аст
3.7 Ҳаракат бо ядак манъ аст



3.8 Ҳаракати аробаҳо манъ аст
3.9 Ҳаракати велосипед манъ аст
3.10 Ҳаракати пиёдагардон манъ аст
3.11 Маҳдудияти вазн
3.12 Маҳдудияти бор ба меҳвар
3.13 Маҳдудияти баландӣ
3.14 Маҳдудияти бар



3.15 Маҳдудияти дарозӣ
3.16 Маҳдудияти фосилаи ҳадди ақал
3.17.1 Гумрук
3.17.2 Хатар
3.18.1 Гардиш ба рост манъ аст
3.18.2 Гардиш ба чап манъ аст
3.19 Тоб хӯрдан манъ аст
3.20 Сабқат манъ аст



3.21 Охири минтақаи манъи сабқат
3.22 Барои автомобилҳои боркаш сабқат манъ аст
3.23 Охири минтақаи манъи сабқат барои автомобилҳои боркаш
3.24 Маҳдудияти суръати ниҳоӣ
3.25 Охири минтақаи маҳдудияти суръати ниҳоӣ
3.26 Сигнали овозӣ додан манъ аст
3.27 Бозистодан манъ аст
3.28 Таваққуф манъ аст



3.29 Таваққуф дар рӯзҳои тоқи моҳ манъ аст
3.30 Таваққуф дар рӯзҳои ҷуфти моҳ манъ аст
3.31 Охири минтақаи ҳамаи маҳдудиятҳо
3.32 Ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳои хатарнок манъ аст
3.33 Ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳои тарканда ва зудоташгиранда манъ аст
3.34 Ҳаракати автобусҳо манъ аст
3.35 Охири минтақаи манъи ҳаракати автобусҳо

Аломатҳои дастурдиҳанда




4.1.1 Ҳаракат ба пеш
4.1.2 Ҳаракат ба тарафи рост
4.1.3 Ҳаракат ба тарафи чап
4.1.4 Ҳаракат ба пеш ё ба тарафи рост
4.1.5 Ҳаракат ба пеш ё ба тарафи чап
4.1.6 Ҳаракат ба тарафи рост ё ба тарафи чап
4.2.1 Гузаштани монеа аз тарафи рост



Аломатҳои иттилоотию ишоратӣ






Аломатҳои хизматрасонӣ



6.1 Нуқтаи ёрии аввалияи тиббӣ
6.1.1 Нуқтаи ёрии аввали тиббӣ ҷамъияти ССҲА
6.2 Беморхона
6.2.1 Беморхонаи ҷамъияти ССҲА
6.3 Стантсияи таъмин бо сӯзишворӣ
6.4 Хизматрасонии техникии мошинҳо
6.5 Ҷои мошиншӯй



6.6 Телефон
6.7 Ҷои хӯрокхӯрӣ
6.8 Оби нӯшокӣ
6.9 Меҳмонхона ё мотель
6.10 Кемпинг
6.11 Ҷои истироҳат
6.12 Пости «БДА»


Аломатҳои иттилооти иловагӣ
(лавҳачаҳо)




7.1.1
7.1.3
7.2.1
7.2.2
7.2.3
7.2.4
7.2.5
7.2.6
7.3.1
7.3.2
7.1.2
7.1.4
Масофа то объект
Минтақаи амал
7.3.3
Самтҳои амал



7.4.1
7.4.2
7.4.3
7.4.4
7.4.5
Намуди воситаи нақлиёт
7.4.6
7.4.7
7.4.8



7.5.1 Рӯзҳои шанбе, якшанбе ва ид
7.5.2 Рӯзҳои корӣ
7.5.3 Рӯзҳои ҳафта
7.5.4
7.5.5
7.5.6
Вақти амал
7.5.7



7.6.1
7.6.2
7.6.3
7.6.4
7.6.5
7.6.6
7.6.7
7.6.1 - 7.6.9
Тарзи гузоштани воситаи нақлиёт
7.6.8
7.6.8




7.7 Таваққуф бо муҳаррики хомӯшкардашуда
7.8 Хизматрасонии пулакӣ
7.9 Маҳдудияти муддати таваққуф
7.10 Ҷои барои муоинаи автомобилҳо
7.11 Маҳдудияти вазни ниҳоии ҷоиз
7.12 Канори хатарноки роҳ



7.13 Самти роҳи асосӣ
7.14 Ҳатти ҳаракат
7.15 Пиёдагардони нобино
7.16 Роҳи тар
7.17 Маъюбон
7.18 Ба ғайр аз маъюбон
7.19 Гурӯҳи бори хатарнок

Чароғакҳо барои нақлиёт



Бо сектсияи иловагӣ
Ҷойгиршавии ишораҳои амудӣ
Ҷойгиршавии ишораҳои уфуқӣ
Барои танзими ҳаракат ба самтҳои муайяншуда
Барои танзими ҳаракати трамвайҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти маршрутӣ



Ҳаракати ақибгардӣ (реверсӣ)
Барои танзими ҳаракат дар саҳни корхонаю муассисаҳо ва ҷои тангшавии роҳ
Барои нишон додани чорроҳаи танзимнашаванда ва гузаргоҳи пиёдагардӣ
Барои танзими ҳаракат дар роҳи оҳан



Ишорачӯби танзимгар
Доирачаи сурхи нургардон
Чароғак барои пиёдагардон

Аломатҳои фарқкунандаи воситаҳои нақлиёт



Автопоезд
Дандона (Шипы)
Воситаи нақлиёти таълимӣ
Интиқоли кӯдакон
Ронандаи ношунаво
Маҳдудияти суръат
Бори хатарнок
Бори калонҳаҷм
Воситаи нақлиёти дароз
Духтур
Маъюб

8	a8	b8	c8	d8	e8	f8	g8	h8
7	a7	b7	c7	d7	e7	f7	g7	h7
6	a6	b6	c6	d6	e6	f6	g6	h6
5	a5	b5	c5	d5	e5	f5	g5	h5
4	a4	b4	c4	d4	e4	f4	g4	h4
3	a3	b3	c3	d3	e3	f3	g3	h3
2	a2	b2	c2	d2	e2	f2	g2	h2
1	a1	b1	c1	d1	e1	f1	g1	h1
	a	b	c	d	e	f	g	h

то «h» ва дар тўл бо рақамҳои арабӣ аз «1» то «8» ишора шудааст:

Дар диаграмма ҳама вақт ҳаракати мўҳраҳои сафед аз поён ба боло ва мўҳраҳои сиёҳ аз боло ба поён аст. Мўҳраҳои шоҳмот аломатҳои ба худ хос доранд. Чунин аст номи мўҳраҳо ба забонҳои точикӣ, русӣ, англисӣ ва аломати онҳо:

Аломати пиёда (n) дар мансуба ё ҳангоми нишон додани ягон вазъияти бозӣ гузошта шуда, вале дар вақти сабти ҷараёни бозӣ гузошта намешавад. Дар аксар мамлакатҳои дунё чунин А. ш. қабул шудаанд: О – О (қалъагирии кўтоҳ), О – О – О (қалъагирии дароз), : (задан ё куштани мўҳра), + (шоҳ, киш гуфтан), + + (киши дутарафа, киши аро), × (мот), ! (бозӣ ё дови хуб), !! (бозии бисёр хуб), ? (бозии суст), ?? (бозии бисёр суст ё хатои дағал), !? (бозие, ки барои ҳариф хатарнок аст, вале дар сурати мудофиаи дуруст ба ӯ манфиат меоварад), ~ (ҳар дов, ҳар бозӣ, ки бошад), ± (сафедҳо хеле бартарӣ доранд), ∓ (сафедҳо андак бартарӣ доранд), = (вазъияти тарафайн тақрибан баробар аст), ∓ (сиёҳҳо хеле бартарӣ доранд), ∓ (сиёҳҳо андак бартарӣ доранд). Ғайр аз ин, агар пеш аз рақам аломати + ояд, бурдро, – бохтро ва = қоимро (дурангро) мефаҳмонад. Мас., = 2, – 1, = 3, яъне касе ду бозиро бурда, якторо бохта, се бозиро қоим кардааст. Ҳангоми сабти ҷараёни бозӣ рақами тартибии гаштҳо гузошта мешавад, ҳар мўҳраронии сафед ва ҷавоби сиёҳҳо як дов (ё гашт) ба шумор меравад. Агар пиёда мўҳраеро занад, аломати задан (:) гузошта намешавад. Ду тарзи сабти ҷараёни бозӣ бо А. ш. вуҷуд дорад: сабти муфассал ва сабти мухтасар. Дар сабти муфассал аз кадом хона ба кадом хона ҳаракат кардани ҳар мўҳра навишта мешавад, дар сабти мухтасар фақат ба кадом хона ҳаракат кардани он мўҳра нишон дода мешавад. Чунончи 1. e2 – e4, e7 – e5, 2. Ag 1 – f3. Ab8 – Ac6. Тарзи мухтасари ҳамин сабт: 1. e4 e5 2. Af3 Ac6. Агар сухан дар бораи ягон дови мўҳраҳои сиёҳ равад, пас аз рақами тартибии гашт ба ҷойи бозии сафедҳо се нуқта гузошта мешавад, мас., 1. … e5. Пиёда, ки ба хонаи охирин расид, ба ғайр аз шоҳ ба ҳар мўҳраи дигар табдил ёфта метавонад, ки инро иртиқо меноманд. Дар сурати иртиқо номи мўҳраи нав зикр мешавад, мас.: 37 … g2 – g1 Ф. Агар ду мўҳраи ҳамном ба як хона ҳаракат карда тавонад, он гоҳ ишораи иловагии ҳарфӣ ё рақамӣ карда мешавад. Мас., як рух дар хонаи a1 ва дигаре c1 истодааст, ки ҳар дуи онҳо ба хонаи b 1 ҳаракат карда метавонанд. Агар рухи хонаи a1-ро ҳаракат додан лозим бошад, Rab 1 ва агар рухи хонаи c 1-ро ҳаракат додан лозим бошад, Rcb 1 навишта мешавад. Аммо як рух дар хонаи a1 ва дигарӣ дар хонаи a3 истода бошад, яке аз онҳоро ба хонаи a2 овардан лозим аст. Он гоҳ R1a2 ё R3a2 навишта мешавад. Барои намуна як бозии хеле мухтасарро меоварем: 1. e4 e5, 2. Af3 Ac6, 3. Флс4 d6, 4. Ac3 Фlg4, 5.О – О, Ad4? 6., A:e5! Фл: d1?? 7. Фл: f7 + Ше7, 8. Ad5 ×.

Дар баъзе мамлакатҳо ба ҷойи аломати хаттии мўҳраҳо аломати суварӣ маъмул аст, яъне дар аввали ҳар бозӣ ба ҷойи ҳуруфот тасвири мўҳраро мегузоранд. Бозии болоро ин тавр менависанд.

1. e4 e5 2. ♘f3 ♞c6 3. ♗c4 d6 4. ♘c3 ♗g4 5.0 – 0 ♞ d4 6. ♘e5: ♗d1: 7. ♗ f7: + ♚e7 8. ♘d5 ×.

Аломатҳои рақамӣ дар мусобиқаҳои мукотибавӣ ба кор бурда мешавад. Ҳар як хонаи шоҳмат бо ду рақам ишора меёбад. Фарқи А. р. аз аломатҳои алгебрии шоҳмот дар он аст, ки ҷойи ҳашт ҳуруфи лотиниро ҳам ҳашт рақам мегирад, яъне а бо 1, b бо 2, c бо 3, d бо 4, e бо 5, f бо 6, g бо 7 ва h бо 8 иваз карда мешавад:

Сабти ҷараёни бозӣ бо чор рақам ишора мегардад. Ду рақами аввал хонаест, ки мўҳра дар он меистад ва ду рақами сонӣ хонаест, ки мўҳра ба он оварда шуд. Ҳангоми иртиқои пиёда дар қавсайн рақами хонаи ибтидоии ҳамон мўҳрае, ки пиёда ба он табдил ёфтааст, навишта мешавад: Мас., гашти 39. f7 – f8 Ф-ро ин тавр менависанд: 39. 6768 (41).

Аломатҳои тафсирӣ дар мамлакатҳое, ки забони давлатиашон англисӣ, испанӣ ва португалист, маъмул аст. Ин тарзи сабти бозӣ аслан аз қоидаҳои қадимии шатранҷбозии форсу тоҷик омадааст, аммо бо андак тағйирот ва истифодаи аломатҳои мухтасари мўҳраҳо. Қоидаи ин сабт он аст, ки ҳар як хонаи натъ ному координат дошта, ҷараёнӣ бозӣ ба тафсир, яъне бо сухан баён мегардад; намунаи онро ниг. дар қисми таърихи А. ш.

Коди Удеман дар мусобиқаҳои телеграфӣ ва радиоӣ ба кор бурда мешавад. хтирои шоҳмотбози америкоӣ Удеман. Мувофиқи коди Удеман ҳар хонаи натъ бо ду ҳарф, яке ҳамсадо ва дигаре садонок ишора мегардад.

Таърихи А. ш. аввалин намунаи

Аломати суварӣ	Тоҷикӣ	Русӣ	Англисӣ
	Номи аломати мўҳра		
♔ ♚	Шоҳ Ш	Король КР	King K
♕ ♛	Фарзин Ф	Ферзь Ф	Queen Q
♖ ♜	Рух Р	Ладья Л	Rook R
♘ ♞	Асп А	Конь К	Knight Kn
♗ ♝	Фил Фл	Слон С	Bislor B
♙ ♟	Пиёда п	Пешка п	Pawn P

18	28	38	48	58	68	78	88
17	27	37	47	57	67	77	87
16	26	36	46	56	66	76	86
15	25	35	45	55	65	75	85
14	24	34	44	54	64	74	84
13	23	33	43	53	63	73	83
12	22	32	42	52	62	72	82
11	21	31	41	51	61	71	81

сабти ҷараёни бозии шоҳмот дар «Вигорашни Чатранг», ки «Мотикони Чатранг» ҳам мегўянд, дида мешавад; ин китоб ба забони паҳлавии сосонӣ (а. 6) буда, дар охири он дастур ва гузорише аз қоидаҳои шоҳмот ва тарзи ҳаракати мўҳраҳо дода шудааст. Ашкол ва сабти вазъи бозӣ дар бисёр китобҳо, аз ҷумла дар «Қобуснома», «Нафоис-ул-фунун», «Китоб-уш-шатранҷ»-и Сулӣ Абубакр Муҳаммад ибни Яҳё, «Мансубот-уш-шатранҷ»-и Лаҷҷоҷ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ, «Китоби шатранҷ»-и Абулфатҳ ибни Аҳмади Сиҷзӣ зикр ёфтааст. Тарзҳои

ma	na	pa	ra	sa	ta	wa	za
me	ne	pe	re	se	te	we	ze
mi	ni	pi	ri	si	ti	wi	zi
mo	no	po	ro	so	to	wo	zo
bo	co	do	fo	go	ho	ko	lo
bi	ci	di	fi	gi	hi	ki	li
be	ce	de	fe	ge	he	ke	le
ba	ca	da	fa	ga	ha	ka	la

гуногуни сабти ҷараёни бозӣ ва ашколи он вуҷуд дорад. Маъмултарини онҳо, ки дар бештари рисолаҳои шатранҷ дучор мекунем ва то ҳол ба номи аломатҳои тафсирӣ дар баъзе мамлакатҳои Европа, Муғулистон ва ғ. боқӣ мондааст, ба ин тариқ аст: Тахтаи шоҳмот (арса) аз миёна ба таври уфукӣ ба ду майдон: майдони худ ва майдони ҳариф тақсим шудааст. Хонаҳои ҳар сутун ба тарзи амудӣ аз ҳар ду тараф то миёнаи тахта рақами аз 1 то 4 дошта, ба номи ҳамон мӯҳрае, ки аз ҳарду сари сутун қарор гирифтаанд, марбутанд. Мас. a1-ро хонаи рухи чапи хеш (ё сафед), a2-ро дуюми рух, a3-ро сеюми рух, a4-ро чаҳоруми рухи чапи хеш, a5-ро чаҳоруми рухи рости сиёҳ, a6-ро сеюми рухи сиёҳ, a7-ро дуюми рухи сиёҳ ва a8-ро хонаи рухи сиёҳ меномиданд. Ба ҳамин тариқ, b1 хонаи аспи чапи хеш, c1 хонаи фили чапи хеш, d1 хонаи фарзини хеш, e1 хонаи шоҳи хеш, f1 хонаи фили рости хеш, g1 хонаи аспи хеш ва h1 хонаи рухи рости хеш ном дошт. Ҳангоми сабти бозӣ, ҷойе, ки возеҳ ва равшан аст, то ҳадди имкон мухтасар навишта шуда, калимаҳои «хона» «чап», «рост», «хеш», «сафед» ва «сиёҳ» партофта мешуданд (сеюми асп, дуюми рух).Ниг. низ *Мансуба.*

Ад.: Ботвинник М., Советская шахматная школа, М., 1951; Гижицки Е., С шахматами через века и страны, Варшава, 1964.

И. Раҳматов.

АЛОПӮЧОҚ, навъе аз харбузаҳои тирамоҳӣ. А. баъди 95 – 100 рӯзи кишт мепазад. Аз ҳар га 250 – 300 сентнер ҳосил меғундоранд. Ҳосилаш тухмшакл, дарозиаш 28 – 35 см, вазнаш 4 – 6 кг. Пӯсташ сахт, тӯрдор, зард; раҳҳояш сабзи баланд. Мағзаш (ғафсиаш 5 – 6 см) сероби ширин, сабзи кушод, то 10% қанд дорад. Бештар дар ноҳияҳои Зафаробод, Истаравшан, Мастчоҳ кошта мешавад.

АЛОУДДИ́Н Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Текеш ибни Эл-Арслон Хоразмшоҳ (с. тав. номаълум – ваф. 1219, халичи Астаробод), ҳаштумин шоҳи Хоразм аз силсилаи хоразмшоҳони ануштегинӣ. Солҳои ҳукуматаш (1200 – 20). А. фарзанди Текеш буд, ки насаб аз қипчоқиён дошт. А. лақаби «Қутбиддин» ва баъдҳо «Искандари сонӣ»-ро ба худ гирифт. Вай баъзе шоҳзодагонро саркӯб намуда пас аз муборизаҳои муҳимтарин бахшҳои Хуросонро ба тасарруфоти худ даровард. Соли 1201 Ғиёсиддини Ғурӣ бархе аз навоҳии Хуросон (Марв, Насо, Балх, Сарахс ва Абевард)-ро фатҳ кард ва сипас Нишопурро ба муҳосира гирифт. А. алайҳи Ғиёсиддин равон шуд ва Ҳиротро ба муҳосира гирифт, вале натавонист муваффақ шавад, ночор ба Марв баргашт ва пас аз ду моҳ Нишопурро ишғол кард. Сипас Сарахс ҳам ба воситаи хоразмшоҳон тасарруф шуд. Дар ин миён Ғиёсиддин даргузашт (янв. 1203) ва А. Ҳиротро соҳиб шуд (1204). Пас аз ин Бодғис низ тобеи А. шуд. А. алайҳи ғуриён лашкар кашид ва Марврудро дубора ба тасарруфи худ даровард. Дар ин байн Шиҳобиддини Ғурӣ даргузашт (1206), давлати Ғуриён пош хӯрд ва навоҳии дигари Хуросон, ки таҳти ҳокимияти Ғуриён буданд, ба А. таслим шуданд. Ҳокими Самарқанд ва Бухоро Усмон аз А. барои ҷанги зидди қарахониён кӯмак хост, вале дар ҷанг А. шикаст хӯрд ва ба асорати қарохониён афтод. Овозаи шикасти А. ба тамоми Хуросон паҳн шуд ва волиёни навоҳӣ сарпечӣ кардан гирифтанд. А. бо мушкилоти бисёре тавонист дубора Хуросонро фатҳ кунад (1206 – 08). Соли 1207 байни сипоҳиёни А. ва қарахониён набарди сахте рух дод ва А. ғолиб шуд. Тамоми шаҳру вилоёти Мовароуннаҳр ба тасарруфи А. даромад ва хоразмшоҳ лақаби «Искандари сонӣ»-ро бар худ гирифт. Ҳамин тавр, А. пас аз нобуд сохтани давлати Ғуриён ва Қарахониён мулкҳои Мозандарон, Кирмон, Систон ва атрофи ин манотиқро то соҳилҳои д. Ммон ба қаламрави худ даровард. Пас аз ин, хост то аз халифаи аббосӣ Носируддин таъйиди ҳукумат бигирад, чун то ин замон хутба ба номи Оли Буя хонда мешуд. Аммо халифа дархости ӯро рад намуд. А. с. 1218 бо мақсади барандохтани халифа ба сӯи Ироқ лашкар кашид ва озими Бағдод шуд, вале бар асари сармои шадид ногузир ба Хоразм баргашт. Дар Нишопур фармон дод, ки номи халифаро дар хутба ҳазф кунанд. Дар ин ҳангом дар ноҳияҳои марзӣ аз ҷониби шарқ қабилаҳои найманҳо бо сарварии Кучлукхон таҳдид оғоз карданд ва А. онҳоро шикаст дод. Ба ин тартиб хоразмшоҳиён фармонравои давлатдорие шуданд, ки аз марзҳои Ҳинд то саросари Осиёи Хурд густурда буд ва дар шим. шарқ то марзи Чин расид. Чоч ва Фарғона низ тобеи А. шуданд. Аммо ин пирӯзии султон А. дере напойид. Тирамоҳи 1219 *Чингизхон* ба Мовароуннаҳр ҳамла кард ва А. ба ҷониби Баҳри Каспий (Хазар) гурехт. Чингизхон сипаҳсолорони варзидаи хеш Субетой Баҳодур ва Ҷебенӯйинро ба таъқиби султон фиристод. Саранҷом А. дар ҷаз. Ошур - Одаи кунунӣ, дар халичи Астаробод (1219) даргузашт. Тибқи дастури писараш Ҷалолуддин ҷасади А.-ро ба қалъаи Ардаҳон интиқол доданд. Аммо пас аз тасарруфи ин қалъа ба воситаи муғулон, колбуди султон А. ба Қароқурум интиқол дода ва бо дастури Ӯктойқоон дар ҳузури ашрофи муғул сӯзонда шуд. *Л. Бойматов.*

АЛОУДДИ́Н ибни Аҳмад ибни Абдуллоҳ, хаттот ва кандакори тоҷик (а. 15). Зодгоҳаш деҳаи Оббурдони Кӯҳистони Мастчоҳ. Ҳунари хаттотӣ ва кандакориро аз кандакорони машҳури диёраш *Ҳоҷӣ Маҳмуд, Боқӣ* ва дигарон омӯхтааст. Катибаҳои бо дасти А. кандашуда хеле зебову хоно буда, аксар аз ҳудуди деҳаҳои Оббурдон ва Роиҷ пайдо шудаанд. Санаи аввалини катибаҳои ӯ ба с. 1405 ва охиринаш ба с. 1446 тааллуқ дорад. Катибаҳои рӯйи шаху харсангҳо ва қабрҳо, ки то замони мо мондаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки А. дар хаттотию кандакорӣ низ ба пояи устодонаш расидааст. Дар яке аз катибаҳояш байти зерин сабт аст:

Сар аз ин вартаи хунхора бадар натвон кард,
Оҳ аз ин роҳи хатарнок, ки дар пеши ман аст.

Ӯ бештар аз 40 сол бо ин санъат машғул шуда, устоди машҳур мегардад. Дар катибаҳояш бештар намунаҳои хати сулс, таълиқ ва девониро хеле моҳирона истифода бурдааст. Бесабаб нест, ки кандакорон ва хаттотони баъдина ба ӯ пайравӣ кардаанд. Яке аз онҳо кандакор ва хаттоти а. 16 Боқӣ буд. Осори А. дар фонди Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ (таҳти рақамҳои 32, 48, 52, 132, 149, 165) маҳфузанд.

Ад.: Мухторов А., Санг ҳам диле дорад, Д., 1986; ҳамон муалл., Эпиграфические памятники Кухистана (X1 - X1X), кн. 1, Д., 1978.

А. Нуров.

АЛОУДДИН МУҲАММАДИ ҒУРӢ, подшоҳи Ғуриён. Писари Шуҷоуддин Алӣ. Ду дафъа ба тахти подшоҳӣ

нишастааст. Бори аввал дар с. 1202 аз ҷониби Муизуддин Муҳаммади Сом ба салтанат расид ва баъд аз кушта шудани Муҳаммад (1205) зиндонӣ гардид. Соли 1214 баъд аз марги Алоуддин Отсиз дубора ба тахти подшоҳӣ нишаст. Соли 1215 ӯ пойтахти давлати Ғуриён – ш. Фирӯзкӯҳро ба гумоштагони Муҳаммади Хоразмшоҳ таслим кард. А.-ро ба пойтахти давлати Хоразмшоҳиён ш. Гурганҷ бурданд ва дар с. 1219 вафот кард. Бо ҳамин силсилаи Ғуриён аз байн рафт.

Қ. Расулиён.

АЛОУДДИ́Н МУФТИИ БУХОРОӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих ва фақеҳи машҳури тоҷик (а. 13)-и. А. М. Б. аввалин донишмандест, ки масъалаҳои шаръӣ ва шарҳу мисолҳои шариатро ба забони тоҷикӣ нигошта, дар ин замина бештар аз 250 масъалаи қонуну қоидаҳои шариатро эзоҳ ва шарҳу тафсир намудааст. Аз мероси илмии ӯ «Ҳайрат-ул-фуқаҳо ва хиҷлат-ил-фузало» (Ҳайрати фақеҳон ва хиҷолати фозилон) ва «Аъзо» ба мо расидаанд, ки китоби аввал роҷеъ ба масъалаҳои ҳуқуқӣ буда, китоби дуюм идомаи мантиқии китоби аввал мебошад. А. М. Б. аксаран масоили ҳуқуқиро дар асарҳояш ба тариқи саволу ҷавоб зикр карда, кӯшидааст, ки доираи нуфузи исломро дар Осиёи Марказӣ васеътар ва манзалату мартабаи онро баландтар бардорад.

Б. Раҳматов.

АЛОУДДИ́Н ҲУСЕЙНИ ҒУРӢ, подшоҳи давлати Ғуриён. Солҳои 1149 – 60 ҳукмронӣ кардааст. Ӯ аз маъруфтарин подшоҳони Ғурӣ буда, баъд аз марги бародараш Баҳоуддини Сом дар ш. Фирузкӯҳ бар тахт нишаст. Дар с. 1150 ба пойтахти давлати Ғазнавиён – Ғазнин лашкар кашид. Дар ҷанги байни Ғуриён ва Ғазнавиён писари подшоҳи Ғазнавиён Баҳромшоҳи Ғазнавӣ – Давлатшоҳ кушта шуд ва худи Баҳромшоҳ ба Ҳиндустон гурехт. А. Ҳ. Ғ. ш. Ғазнинро оташ зад ва ба ҳамин ҷиҳат ӯ бо лақаби Алоуддини Ҷаҳонсӯз маъруф гардидааст. А. тамоми қасрҳо ва иморатҳои бун ёднамудаи султон Маҳмудро хароб карда, гӯрҳои султонҳои Ғазнавиро кофта, устухонҳояшонро аз хок баровард ва сӯзонд. Ҳирот ва Марғобро низ фатҳ намуд. Баъд аз саркашӣ кардан аз пардохти хироҷ миёни А. ва подшоҳи Салҷуқиён Санҷар мухолифат авҷ гирифт. Баъд аз подшоҳии А. писараш Сафиуддин Муҳаммади Ғурӣ подшоҳи давлати Ғурриён гардид.

Қ. Расулиён.

АЛОУДДИ́Н ШАМСУЛИСЛО́М (с. тав. ва ваф. номаълум), донишманди машҳури илми фиқҳи форс-тоҷик (а. 12). Дар доираи илмии Самарқанд ба камол расида, барои такмили дониш ба мамлакатҳои шарқи араб сафар кардааст. Қариб ҳамаи илмҳои замонашро омӯхтааст, вале диққати ӯро асосан ҳуқуқшиносӣ, шарҳи ақоиди динӣ, баъзе тафовутҳои ислом аз динҳои дигар ҷалб мекунад. Оид ба илми фиқҳ «Китоб-ут-тӯҳфат-ул-фуқаҳо» («Китоби тӯҳфаи фақеҳон») ва «Мухталиф-ур-ривоя» («Ривоятҳои мухталиф»)-ро таълиф намудааст. А. Ш. дар асарҳои худ масъалаҳои ҳуқуқро ба тариқи баҳсу мунозира ҳал намуда, аз натиҷаи он хулоса ва ҳукм мебарорад. Абдулқодири Масъуди Кошонӣ оид ба методологияи ҳуқуқшиносии ӯ «Мизон-ул-усул фи натоиҷ-ил-уқул» («Мизони санҷиши натиҷаи ақлҳо», 1145) ном рисола навишта, таълимоти ҳуқуқшиносии ӯро шарҳ додааст.

У. Назиров.

АЛОУДДИ́НИ ҚАЗВИНӢ Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алоуддин Қазвинии Ҳилолӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррихи форс-тоҷик (а. 14). Муаллифи китоби маъруфи таърихии «Миноҳиҷ-ут-толибин фӣ маориф-ис-содиқин» (Роҳнамоиҳои толибон дар шинохти содиқон), ки с. 1377 таълиф гардида ба *Шоҳшуҷоъ* тақдим шудааст. Китоб ба таърихи Ислом бахшида шуда, аз се қисм иборат мебошад: қисми аввал дар офариниши олам; қисми дуюм – таърихи паёмбари Ислом ва хулафо; қисми сеюм – таърихи мулуки Ислом (Умавиён, Аббосиён, Бувайҳиён, Сомониён, Ғазнавиён, Ғуриён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён)-ро фаро гирифтааст. Бахши хеле боарзиши китоб таърихи Шоҳшуҷоъ аст, ки дар он воқеаҳои а. 13-и Шерозро муфассалан баён кардааст.

Л. Бойматов.

АЛОЧА́, матои ресмонӣ ва нимабрешимӣ. Навъҳои А. дар Осиёи Миёна бо номҳои зебак, фарангӣ ва абрешимӣ маълуманд. А.-и тору пудаш аз ресмони маҳаллӣ – зебак, аз ресмони европоӣ – фарангӣ ва аз абрешиму ресмон – абрешимӣ номида мешуд. Инчунин навъҳои сурхалоча ва сиёҳалоча низ маълуманд. А. матои рахдори рангоранг ва дорои нақшу нигори мураккабу реза мебошад. Нақши А. аз раҳҳои ҳаррангаи кабуд, сабз, сиёҳ, сурх, зард таркиб меёбад. Нақшҳо «миттӣ», «мушку заъфар» ва «байрақ» ном доранд. Тори А.-и дубанда 400 нах дошта, бараш қариб 40 см аст. Пудашро аз ресмони кабуд, сиёҳ ва баъзан сабз тайёр мекунанд. Аз А. ҷомаҳои мардонаю занона медӯзанд.

Н. Турсунов.

АЛОЧАБО́Ф, деҳа дар ҷамоати деҳоти Россияи ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомониён 13 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2244 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаб надорад. Кӯдакон дар мактабҳои № 45 ва 75-и ш. Душанбе таҳсил мекунанд. Бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, сабзаворкорӣ. Заминҳо аз д. Душанбе обёрӣ мешаванд.

АЛОШАҚШАҚА́, ниг. *Акка.*

АЛО́Э, ниг. *Сабр.*

АЛП, кӯҳҳои Алп (аз келтӣ alp – кӯҳи баланд; нем. Alpen, фран. Alpes, итал. Alpi), силсилакӯҳи баландтарини Европаи Ғарбӣ. Воқеъ дар ҳудуди Италия, Франсия, Швейтсария, Австрия, Германия, Словения ва Лихтенштейн. Қуллаи баландтаринаш 4407 м (к. Монблан дар А.-и Савойя). Дарозиаш қариб 1200 км, бараш аз 50 – 60 км (дар Ғ.) то 240 – 260 км (дар Ш.), масоҳ. қариб 220 ҳазор км^2. А. силсилаи мураккаби қ.-кӯҳҳо ва массивҳоест, ки аз Баҳри Лигурия то ҳамвории Дунайи Миёна ва ҳавзаи д. Вена камоншакл тӯл кашидааст. Дар ҳудуди он водиҳои сабзу хуррам воқеанд. Ағбаҳои асосии А. – Симплон, Сен-Готард, Бреннер, Сен-Бернари Калон ва Хурд, Мон-Сени. Водии амиқе, ки дар байни кӯлҳои Боден ва Комо ҷойгир аст, А.-ро ба қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мекунад. А.-и Шарқӣ (баландиаш то 4049 м, қ. Бернина) нисбат ба А.-и Ғарбӣ (А.-и франсавӣ – италиявӣ – швейтсариявӣ) пасттар ва фарохтар аст. А. кӯҳҳои ҷавон буда, дар давраи чиндоршавии алпӣ ба вуҷуд омадааст. Релйефи А. вобаста ба сохти геологӣ хеле гуногун аст. Дар ташаккули рел йефи ҳозираи кӯҳҳо нақши эрозияе, ки аз таъсири об ва ҳаракати пиряхҳо ба вуҷуд омадааст, хеле бузург аст. Минтақаи марказии баландтарини А. аз ҷинсҳои кристаллӣ ва метаморфии қадим, минтақаҳои атрофи он аз



Алп. Каторкӯҳ.

оҳаксангу доломитҳо, таҳнишастаҳои флишию (бӯр, палеоген) молласии эраи мезозой ва нисбатан ҷавонтар таркиб ёфтаанд. Пиряхҳои наздиводигӣ ба доманакӯҳҳо расида, ба пайдошавии кӯлҳои наздиалпӣ мусоидат кардаанд (Комо, Гарда, Лаго-Маҷоре, Женева ва Боден). Дар А.-и Савойя чуқуртарин ҷариҳои карстии рӯи замин – ҷарии Жан-Бернар, шаш ҷарии аз 1000 м чуқуртари А.-и Австрия, силсилаи ғорҳои Хёллохи Швейтсария (149 км, 3-юм дар ҷаҳон ва 2-юм дар Европа) ҷойгиранд. А. аз канданиҳои фоиданок бой аст: конҳои оҳан (дар Эртсберг, А.-и Австрия), кӯрғошиму руҳ, мис (Инсбури), ангишт (Бриансонне), пирити мисдор ва ғ. Иқлими А. кӯҳӣ, дар доманаи кӯҳҳо – мӯътадил, дар қуллаҳо – сард. Теғаҳо бо барфҳои доимӣ ва пиряхҳо пӯшида шудаанд. Майдони умумии пиряхҳо 4140 км². Боришоти бештарин (то 4500 мм дар як сол) дар қисми италиявии А. мушоҳида мешавад. Дар нишебиҳои қисми шим. ва ҷанубии А. сатҳи боришот ба 2000 – 3000 мм мерасад. Дар водӣ ва хамиҳои байни кӯҳҳо, ки хусусияти иқлими континентӣ доранд, боришоти солона кам аст (500 – 800 мм). Вобаста ба баландӣ қабати барф ҳам зиёд шуда, то ба 7 – 8 мерасад. Фасли баҳор тармафароӣ мушоҳида мешавад. А. – гиреҳи асосии гидрографии Европа аст. Дарёҳои аз А. ҷоришаванда сероб ва серостона, манбаи ғании гидроэнергетика буда, мансуби ҳавзаҳои Баҳри Шимолӣ (д. Рейн бо Ааре ва дигар шохобҳояш), Баҳри Сиёҳ (шохоби рости Дунай – Иллер, Лех, Инн, Энс, ҷараёни болоии Драва), баҳрҳои Адриатика (д-ҳои Адиҷе, По бо шохобҳои чапаш), Лигурия ва халиҷи Лион (д. Рона бо шохобҳои чапаш) мебошанд. Кӯлҳои алпӣ, ки сарчашмаашон пиряхҳост, хеле хушманзараанд: Женева (масоҳ. 581 км², калонтарин), Боден, Тун, Бриентс, Лаго-Маҷоре, Комо, Лугано, Гарда ва ғ. Кӯҳҳои А. аз рӯи ландшафт ба минтақаҳои зерин тақсим мешаванд: то баландии 800 м – маҳалҳои аҳолинишин, боғу киштзорҳо, макони корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ (парвариши сабзавот, мевагиҳо) ва чорводорӣ, соҳили кӯлҳо – маҳалҳои курортӣ; баландии 800 – 1800 м – бешаҳои паҳнбарг (булут, шамшод) ва сӯзанбарг (коҷ, санавбар ва ғ.), майдонҳои кишти ғалла ва ғалладонагиҳо, хоҷагиҳои ҷангал, чорводорӣ; минтақаи субалпӣ (то баландии 2300 м) – растаниҳои буттаӣ, марғзори алафаш баланд, чарогоҳҳо, инчунин курортҳои баландкӯҳ, пойгоҳҳои туристӣ; минтақаи баландкӯҳи алпӣ (2500 м ва бештар) – аз марғзорҳои камалаф то макони барфҳои доимӣ ва пиряхҳо; минтақаи баландтарини нивалӣ – танҳо баъзе қисмҳои А. – қуллаҳои баландтаринро фаро гирифта, саросар яхистон ва ҳаёти органикиаш ноқис аст. Дар А. аз ҳайвонот ғизол, гавазн, гуроз, гург, рӯбоҳ, гурбаи ваҳшӣ, хаз, савсор, қоқум, санҷоб, росу, харгӯш; аз парандагон чилмурғ, дурроҷ, чархресак, зоғ, гунҷишк, ҷалғӯзахӯрак ва ғ. вомехӯранд. Дар кӯҳҳои А. нақбҳои зиёд кандаанд.

АЛПАРСЛО́Н Муҳаммад ибни Чағрибек Довуд (1029 – 1072), султони *Салҷуқӣ.* (ҳукумр. 1063 – 72). Бародари Туғрулбек – нахустин султони Салҷуқиёни Бузург. Лақабаш «Абу Шуҷоъ Изудуддавла, Зиёуддин». А. баҳори 1063 дар Қазвин бародараш Сулаймонро аз сари қудрат барканор карда, худ бар тахт нишаст. А. Хоҷа *Низомулмулки Тусиро* вазири худ таъйин намуда, бо кӯмак ва ҳимояти ин вазир барои муттаҳид кардани ду бахши давлатдории Салҷуқиён (шарқӣ ва ғарбӣ) иқдом кард. Дар замони А. ва писараш Маликшоҳ, давлатдории бузурги Салҷуқиён ба авҷи худ расид. А. бо хилофати *Аббосиён* сулҳ барқарор кард. Дар машриқ Хоразм ва Афғонистони Ғарбӣ аз тасарруфи *Ғазнавиён* озод ва ба давлати Салҷуқиён ҳамроҳ гардиданд. А. бо мақсади васеъ кардани қаламрави худ ба Гурҷистон (1063), Арманистон, (1064), Озарбойҷон (1065 – 1066), Осиёи Марказӣ юриш кард. Вай дар ин сол Хоразм, қалъаи Манқишлоқ ва тамоми манотиқи шим. шарқии д. Хазарро тасарруф намуд. Вилоятҳои Ҷанд ва Саброн низ тобеи А. шуданд. А. таваҷҷӯҳи хосе ба давлатдории Византия дошт ва с. 1071 дар мавзее назди дарёчаи Ван сипоҳи Византияро шикаст дод. Бо ин иқдом вай дарвозаҳои он сарзаминро бар рӯи юришҳои туркон кушуд. Пас аз пирӯзиҳои пай дар пайи худ, А. саъй кард то иртиботи хубе бо умарои Самарқанд, Бухоро ва вил-ҳои Фарғонаву Туркистон дошта бошад. Ба ин манзур ӯ бо хонҳои қарохонӣ сиёсати оштиҷӯёнаро пеш гирифт. Вай бо духтари фармонравоии Кошғар ва Хутан – Қадрхон Юсуф издивоҷ кард ва писараш Маликшоҳ ҳам яке аз духтарони хони қарохониро ба занӣ гирифт. Бо вучуди ин дар охирҳои ҳукумати А. миёни салҷуқиён ва қарохониён ихтилофе ба миён омад. Тирамоҳи 1072 А. бо лашкари бисёре аз Ҷайҳун гузашта, ба тасарруфи ш-ҳои Мовароуннаҳр оғоз кард ва сипоҳи ӯ то навоҳии Бухоро расид. Аммо ин лашкаркашӣ нима монд. Вайро ҷосусе захмӣ кард ва пас аз се - чаҳор рӯз даргузашт. Ӯро дар канори падараш дар Марв ба хок супурданд.

Л. Бойматов.

АЛПИНИ́ЗМ, ниг. *Кӯҳнавардӣ.*

«АЛПОМИ́Ш», ҳамоса (эпос)-и қаҳрамониест, ки аслан дар миёни халқҳои туркнажод – ӯзбекҳо, қароқалпоқҳо, қазоқҳо, тоторҳо, бошқирдҳо ва дигарон пайдо шудааст. Бо мурури замон мардуми тоҷик варианти тоҷикии ин асарро офаридаанд. Нусхаҳои тоҷикии ин асарро фолклоршиносони тоҷик с-ҳои 50 а. 20 аз гӯяндагони тоҷики водии Зарафшон, маҳалҳои тоҷикнишини вил. Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон навишта гирифтаанд. Мазмуну мундариҷаи ҳамосаи «А.», ки тақр. дар ҳамаи нусхаҳо ҳифз шудааст, тасвири қаҳрамониҳову паҳлавониҳои қаҳрамони асосии асар Алпомиш мебошад. Дар яке аз сафарҳояш Алпомиш дар иҷрои шартҳои Барчиной ном шоҳдухтари зебо корнамоиҳо нишон медиҳад ва ӯро ба занӣ гирифта бармегардад. Дар боби дигари «А.» аз набардҳои Алпомиш бо Қултой ном ҳокими золим ва ба ҳабс афтоданаш сухан меравад. Пас аз ҳабси ҳафтсола вай лаҳзае ба ватан меояд, ки рақибонаш мехостанд Барчинойи ӯро ба занӣ бигиранд. Алпомиш зан ва фарзандаш Ёдгорро аз дасти душманонаш раҳо менамояд. Дар «А.» ба ғайр аз қиссаҳову ривоятҳо, афсонаҳои ишқию романтикӣ инчунин аз воқеаҳои таърихӣ, задухӯрдҳои байни қабилаҳо, мас., қабилаҳои ӯзбеку қалмиқҳо сухан меравад.

Нашр: Альпамиш, Сталинабад, 1959.

Ад.: Жирмунский В. М., Тюркский героический эпос, Л., 1974.

С. Фатҳуллоев.

АЛПТЕГИ́Н (926 – 970), аз ғуломони туркҳои давлати *Сомониён* ва минбаъд сипаҳсолори бузурги Хуросон. Асосгузори давлати *Ғазнавиён.* А. аз ғуломӣ ва нӯкари қаторӣ то ба мансаби ҳоҷибӣ расид. Замони хурдсолии амир *Абдулмалик* ҳокимият асосан дар дасташ буд. А. корҳои давлатиро бо маслиҳати вазири аъзам *Балъамӣ,* ки яке аз дӯстони наздикаш буд, ба иҷро мерасонд. Абдумалик барои суст гардидани мавқеъ ва аз пойтахт дур кардани А. с. 961 ӯро волии Хуросон таъйин кард, вале худи ҳамон сол *Мансур ибни Нӯҳ*

ба тахт нишаста, А.-ро аз ин вазифа барканор намуд. А. ҳокимияти Мансурро эътироф накарда, муваққатан ба Балх рафт, лашкар орост ва с. 962 қӯшуни Мансурро шикаст дод. Баъдан ба Ғазна юриш карда, сулолаи ҳукмронро торумор намуд ва ба давлати нави мустақил асос гузошт, ки дере нагузашта ба давлати бузурги Ғазнавиён табдил ёфт. Соли 962 А. аз Балх сӯи Ҳинд ҳаракат карда бахшҳое аз ин сарзамини паҳноварро ба тасарруфи худ даровард ва молиёти зиёдеро бар ҳокимони маҳаллӣ бор кард ва ҳамин сол дар таърих соли таъсиси давлатдории Ғазнавиён маҳсуб мешавад. Пас аз марги А. фарзандаш Исҳоқ ибни Алптегин ба ҷойи падар нишаст, баъди як сол амири пешини Ғазнин – Абуалии Ловие ӯро ронд, вале бо мадади амири сомонӣ Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ дубора ба фармонравоии Ғазнин баргумошта шуд. Пас аз чанде як ғуломи дигари туркзабон – домоди А. *Сабуктегин* бо барқарорсозии подшоҳӣ дар хонадони худ силсилаи Ғазнавиёнро комилан истиқрор бахшид. *Ӯ. Пулодов, А. Ҳасанов.*

АЛТ (лот. altus – баланд), 1) партия дар хор ё ансамбли вокалӣ, ки бо овозҳои пасти бачагона ё овозҳои пасти занона (метсессо-сопрано, контралто иҷро мешавад. А. дар партитура аз тенор баландтар аст; 2) овози пасти бачагона, ки меъёраш аз «ля»-и октаваи хурд то «ми»-и октаваи дуюм мерасад. Дар партитураҳои хорӣ партияи А. аксар дар мифтоҳи (калиди) «сол» навишта мешавад; 3) сози тории камончадоре, ки сохти скрипкаро дошта, ҳаҷман калонтар аст. Сабаби аз скрипка (violino) паст садо додани А. ин аст, ки ҳаҷман аз он калонтар буда, ба қадри квинта (панҷ садо) паст ҷӯр мешавад. Торҳои А. чунин ҷӯр доранд: тори IV – до (c), тори III – сол (д), тори II – ре^1 (d^1), тори I – ля^1 (a^1). Меъёри овози А. аз «до»-и октаваи хурд то «ми»-и октаваи сеюмро фаро мегирад. Нотаҳо барои соз дар мифтоҳи алт ва скрипка навишта мешаванд. Тарзи навохтану хусусиятҳои овозбарории А. ба скрипка шабоҳат дорад. А. дар а. 16 пайдо шуд. Дар ансамбл (иштирокчии ҳатмии квартети созҳои камончадор) ва оркестри симфонӣ (одатан дар оркестр 8 – 10 алтнавоз) истифода мешавад. А.-ро чун сози якканавозӣ низ ба кор мебаранд; 4) А. ё алтгорн сози нафасии мисӣ, ки дар оркестри нафасӣ ҷой дорад; 5) яке аз созҳои оркестрӣ (думбураи А., ғижаки А. ва ғ.).

Ш. Ҳабибов.

АЛТЕРА́ТСИЯ (лот. alteratio – тағйир додан, тағйирдиҳанда), баландшавӣ ё пастшавии овоз ба андозаи ним парда ё як парда. Мас., ля-диез алтератсияи (тағйирдиҳандаи) овози «ля», ре-бемол алтератсияи (тағйирдиҳандаи) овози «ре».

Ш. Ҳабибов.

Аломатҳои тағйирдиҳанда.

Аломат	Номҳо	Мазмун
♯	диез	ним парда баланд бардоштан
♭	бемол	ним парда поён (паст) фуровардан
♮	бекар	бекор кардани диез ё бемол
𝄪	дубл-диез	як парда баланд бардоштан
𝄫	дубл-бемол	як парда поён (паст) фуровардан
𝄮	дубл-бекар	бекор кардани дубл-диез, дубл-бемол

АЛТЕРНАРИО́З, навъе аз касалиҳои занбӯруғии растанӣ. Ангезандааш занбӯруғҳои ҷинси Alternaria. А. чанд хел мешавад, мас., А.-и майса (ангезандааш A. tenuis), А.-и картошка (ангезандааш A. solani), А.-и себ (ангезандааш A. mali), А.-и нок (ангезандааш A. bokurai), А.-и карам (ангезандааш A. brassicae), А.-и ток (ангезандааш A. alternata, A. tenuissima, A. vitis). Махсусан А.-и карам зарари калон мерасонад. А.-и ток дар тамоми мавзеъҳои токдории ҷаҳон дучор мешуд. Зарари А. тадриҷан меафзояд. А. дар ҳавои гарми намнок авҷ мегирад. Дар навдаҳои касал доғҳои дорчинӣ ё нукрафом пайдо мешаванд. Ҳангоми ба ҷойи намнок гузоштан ранги навдаҳои сироятёфта зуд зайтунӣ мегардад. Баргҳои ток аввал доғҳои сафед пайдо карда, баъд тирагун мешаванд; дар ҳавои серрутубат рӯи барг ро қабати тунуки занбӯруғ мепӯшад. Меваи касал пажмурда гашта, таъми нохуш пайдо мекунад.

Тадбирҳои мубориза: риояи қоидаҳои агротехникӣ, нест кардани пасмондаҳои растаниҳо; ҳангоми зоҳир гардидани касалӣ ба зироат ва боғот пошидани маҳлули 2-фоизаи моеи бордосӣ; дар муддати кӯтоҳ ҷамъоварӣ кардани ҳосил; дар шароити мусоид нигоҳ доштани мева.

АЛТОЗА́Р, гидропрен, $C_{17}H_{30}O_2$, як навъ инсектисид. Моеи шаффофи равғанмонанд, дар об ва аксари ҳалкунандаҳои органикӣ нағз ҳал мешавад. А.-ро барои маҳви ҳашароти зараррасон (пулакчаболҳо, дурушт-болҳо ва баробарболҳо) ба кор мебаранд. Барои одаму ҳайвон чандон зарар надорад.

АЛТОЗИ́Д, метопрен, як навъ инсектисид. Формулааш: $C_{19}H_{34}O_3$. Моддаи шаффофи равғанмонанд, дар об ва аксар ҳалкунандаҳои органикӣ нағз ҳал мешавад. Барои нест кардани пашша ва зараррасонҳои ҳайвонот истифода мебаранд. А. дар шакли консентрати эмулсияи 10%-а истеҳсол карда мешавад. Барои одаму ҳайвон безарар аст.

АЛТРУИ́ЗМ (аз лот. alter – дигар), ғамхорӣ дар ҳаққи дигарон, гузаштан аз баҳри манфиатҳои шахсӣ, барои манфиати дигарон; системаи арзишҳои шахс аст, ки дар он ба сифати мароми марказӣ ва меъёри баҳогузории маънавӣ манфиатҳои шахси дигар ё худ иттиҳодияҳои иҷтимоӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Истилоҳи А.-ро файласуфи франсавӣ О. Конт (1798 – 1857) ҳамчун муқобилмаънои истилоҳи эгоизм (худпарастӣ) маънидод кардааст. Дар назарияи таҳлили психологии З. Фрейд (1856 – 1939) зуҳуроти А. ҳамчун талаботи нев розии субъект ба суст гардондани эҳсоси гунаҳкорӣ ё худ ҳамчун ҷуброни эгоизми ибтидоӣ, ки мавриди фишороварӣ ба таҳтушшуур гаштааст, фаҳмида мешавад. А. метавонад дар амалҳои субъект дар вазъиятҳои мушаххаси хатарнок зоҳир гардад (мас., наҷот додани кӯдак бар ивази ҷони хеш) ё худ арзиши бошууронае бошад, ки рафтори шахсро умуман муайян намояд. Дар ин ҳолат он ба маънии ҳаёти шахс мубаддал мегардад. Қимати воқеии рафтори башардӯстонаи шахс аз рӯи он арзишҳое муайян мегардад, ки зимни муносибатҳои дуҷонибаи ӯ бо дигар одамон пайдо мешавад. А.-е, ки дар ҳама чизро бахшидан, нодидагирии камбудиҳо, худқурбонкунии кӯркӯрона нисбати дигар одам зоҳир мегардад, сифати манфии шахс аст. Ба дараҷаи мутлақият расондан ё худ аз ҳадаш паст баҳо додани А. ба маънии аслии ин истилоҳ мухолиф аст.

Г. Абдураҳмонов.

АЛТШУ́ЛЕР Василий Евгеневич (1901, Смоленск – 1983, Москва), зоотехник, доктори илмҳои биология (1947), проф. (1947). Хатмкардаи факти биологияи Донишгоҳи давлатии

Москва (1924). Ассистент ва мудири кафедраи Пажӯҳишгоҳи гӯшту шири ш. Москва (1928 – 34), мудири шӯъбаи Пажӯҳишгоҳи умумииттифоқии чорводорӣ (1935 – 40), мудири кафедраи Донишгоҳи давлатии Саратов (1941 – 50). Соли 1950 ба Тоҷикистон омада, аввал ба сифати проф. кафедраи чорводорӣ ва сипас ҳамчун мудири кафедраи зоотехникаи умумии Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1952 – 59) фаъолият намудааст. Тадқиқоташ ба қонуниятҳои таҳаввулот дар селексия, морфология, рӯёндани зоти нави чорво, генетикаи ҳайвонот, имкониятҳои таърихию фардии рушди ҷинсӣ ва ғ. бахшида шудаанд. Муаллифи зиёда аз 60 таълифоти илмист.

Ос.: К обоснованию применения эволюционного принципа в селекции, Саратов, 1947; О единстве условий исторического и индивидуального развития в породообразовании, М., 1951; Мичуринские методы в животноводстве и их применение в Таджикистане, Сталинабад, 1956; Основы генетики, М., 1970; Генетика, М., 1970.

АЛУНИ́Т (франс. alunit – зок), минералест аз гурӯҳи сулфатҳои мураккаб. Формулаи химиявиаш:

$$KAl_3[SO_4]_2(OH)_6.$$

Дар системаи тригоналӣ кристалл мебандад. Сохташ маҳиндонаи сахт ё хока. Рангаш сафед, хокистарӣ, зардча мешавад. Сахтиаш 3,5 – 4; зичиаш 2600 – 2800 кг/м^3. А. аз ҷинсҳои вулқонӣ дар натиҷаи таъсири маҳлулҳои гидротермалии сулфатӣ ва дар ҷинсҳои таҳшин аз оксидшавии колчедани сулфур ба вуҷуд меояд. А. асосан барои ҳосил кардани зок, оксиди алюминий, намаки калий ва ғ. истифода мешавад.

«АЛ-ФАВЗ-УЛ-АСҒА́Р», асари *Ибни Мискавейҳ* роҷеъ ба фалсафа. Он дар бораи пайдо шудани маротиби вуҷуд аз холиқ (сонеъ), масъалаҳои нафс ва нубувват баҳс мекунад. Ба забони арабӣ навишта шудааст. Асар аз се масъалаи асосӣ ва ҳар масъала аз 10 фасл иборат аст. Масъалаи якум «Дар исботи сонеъ» ном дошта, муаллиф дар он ақидаҳои олимонро дар ин соҳа овардааст ва муҳаррики аввал будани Офаридгорро шарҳу тафсир додааст. Масъалаи дуюм доир ба «Нафс ва аҳволи он» мебошад. Ибни Мискавейҳ ақидаи ҳукаморо роҷеъ ба пайдоиши нафс ва инкишофи он оварда, камолоти нафсонӣ ва ба мабдаи ҳуд муроҷиат намудани онро нишон додааст. Масъалаи сеюми «А.» «Дар баёни нубувват» буда, дар он муаллиф робитаи олами сағиру олами кабир, кайфияти хавоси панҷгона, чигунагии ваҳӣ ва алоқаи он ба нубувват, фарқи набӣ аз мутанаббӣ ва амсоли инҳоро тадқиқ намудааст. Зимни таҳлили масъалаҳои ёдшуда Ибни Мискавейҳ дар «А.» ҳолати аҷсоми табиӣ ва таносуби моддаю суратро ҳамчун чизи ҳодисшуда таҳлил мекунад. Мас., ӯ мӯътақид аст, ки сурат дар таҳлили ақлӣ дар ҳаюло ориз мешавад ва ҳар чӣ ориз бошад, вай дар айни замон ҳодис аст. Роҷеъ ба ҳаюло муаллиф таъкид мекунад, ки он танҳо дар таҳлили ақлӣ (тааққул) аз сурат орӣ буда, дар марҳалаи вуҷуди хоричӣ ҳаргиз аз сурат ҷудо нест. Вобаста ба ҳамин масъала Ибни Мискавейҳ роҳҳои пайдоиши тахайюлу тааққул дар ҷараёни маърифатро нишон медиҳад. Таҳлили бис ёр масъалаҳои ҳастию маърифат дар «А.» таъсири афкори атиқаи юнониро дар эҷодиёти Ибни Мискавейҳ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, «А.» дар муайян кардани афкори фалсафии мутафаккир нақши муайяне дорад.


М. Исоев.

АЛФА-ЗАРРА́, α-зарра, зарраи иборат аз ду *протон* ва ду *нейтрон* (атоми ду карат иондоршудаи элементи гелий – ядрои атоми гелий). Ишораташ – $^4_2$He . Массаи А. m_α = 4,00273 в.а.м. = $6{,}64669\cdot10^{-27}$ кг, заряди электрикиаш баробари +2e (e = $1{,}60219\cdot10^{-19}$ Кл – қимати мутлақи заряди электрон), *спин* ва *моменти магнитии*аш баробари сифр мебошанд. А. содатарин системаест, ки дар он ҳама бандҳои ядроӣ пурра истифода шудаанд, бинобар ин энергияи бандиши А. басо бузург – 28,11 МэВ (7,03 МэВ/нуклон) аст. А.-ҳо ҳангоми *алфа-коҳиши* атомҳои радиоактивии вазнин (^{238}U, ^{226}Ra, ^{212}Po ва ғ.) ба вуҷуд меоянд. Дар ин маврид ядрои элементи (A, Z) бо адади массавии A ва заряди Z ба ҳолати ядрои элементи (A-4, Z-2) мегузарад. Назарияи алфа-коҳишро с. 1928 Г. Гамов, Р. Гёрни ва Э. Кондон пешниҳод кардаанд. Мувофиқи ин назария А.-и энергияи пурраш назар ба баландии садди потенсиалии қувваҳои ядроии ҷозибавӣ ва қувваҳои теладиҳандаи кулонӣ хурдтар, дар натиҷаи эффекти нақбӣ (туннелӣ) аз ҳамин садд заҳида мегузаранд. Манбаи А. реаксияҳои ядроии гуногун (^{3}T + ^{2}D → ^{4}He(α) + ^{1}n, ^{19}P + ^{1}n → ^{16}N + ^{4}He (α) ва ғ.) низ буда метавонанд. Дар ҳар ду маврид энергияи кинетикии А. дар ҳудудҳои 2 ÷ 9 МэВ мебошад. Баъзе ядроҳо (^{212}Po, ^{214}Po) ҳангоми аз ҳолати ангехта бевосита ба ҳолати асосӣ гузаштан ба ном А.-и «дароздав» (энергияи кинетикиашон зиёда аз 10,5 МэВ) меафкананд. Манбаи дигари А.-и баландэнергия (аз 10 МэВ то зиёда аз 10^6 МэВ) суръатфизоҳои гуногуни зарраҳои заряднок мебошанд. Ҳангоми аз моддаҳо гузаштан А. энергияи худро барои таъсири мутақобилаи электромагнитӣ бо атомҳо ва молекулаҳои модда сарф мекунад. Қобилияти ионофарии А. ниҳоят зиёд аст. Мас., як А.-и энергияаш 5 МэВ дар ҳаво тақр. $1{,}5\cdot10^5$ ҷуфт ион ҳосил мекунад. Дарозии дави А. (ℓ) дар ҳаво тақр. ба 260 $(v/c)^3$м баробар (ин ҷо v/c – нисбати суръати ибтидоии А. бар суръати вакуумии рӯшноӣ мебошад) ва дар муҳитҳои сахт $\ell \sim 10^{-5}$ м аст. Доираи истифодаи А.-ҳо васеъ мебошад: аз ҷумла, ҳосил кардани нейтронҳо ва ба вуҷуд овардани изотопҳои радиоактив ба тавассути реаксияҳои ядроӣ.

Я. Ш. Самарқандӣ.

А́ЛФА-КОҲИ́Ш, α-коҳиш, раванди ҳуд аз ҳуд хориҷ шудани алфа–зарра (ядрои атоми гелий $^4_2$He) аз ядрои вазнин. Дар натиҷаи А. заряди ядро Z ба 2 воҳид ва адади массавиаш A ба 4 воҳид кам мешавад. Мас., Уран-238 дар натиҷаи А. ба торий-234 табдил меёбад: $^{238}_{92}U \rightarrow {}^{234}_{90}Th + {}^4_2He$. А. танҳо вақте имконпазир мегардад, ки массаи ядрои радиоактив аз ҷамъи массаи α-зарра ва ядрои маҳсул зиёд бошад. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи ядроҳои адади массавиашон A>140 α-зарра хориҷ карда метавонанд. Қариб 200 ядрои α-радиоактив маълуманд, ки аз сурб (Z>8, A>204) вазнинтаранд. Чанд ядрои α-радиоактив дар соҳаи элементҳои нодир вомехӯранд ($^{144}_{58}$Ce, $^{145}_{62}$Sm ва ғ.). Гурӯҳи ядроҳои α-радиоактиви Z<82 аз ядроҳои камнейтрон иборатанд. Тавсифдиҳандаҳои асосии ядроҳои α-радиоактив ва α-зарраҳои хориҷшуда даври нимкоҳиш – $T_{1/2}$, энергияи кинетикии α-зарра – E_α, дави α-зарра – R_α мебошанд. Барои ҳамаи ядроҳои α-радиоактив $T_{1/2}$ аз 1,9 $\cdot10^{-7}$с ($^{212}_{84}$Po) то 10^{17} сол ($^{204}_{84}$Pb) ва E_α барои ядроҳои Z>82 аз 4 то 10,5 МэВ ва барои ядроҳои Z<82 аз 2 то 4,5 МэВ тағйир меёбад. Даври нимкоҳиш – $T_{1/2}$ ба энергияи α-зарра вобаста буда, бо зиёд шудани энергия аз рӯи қонунияти муайян хурд мешавад (қонуни Гейгер-Неттол). Бо зиёд шудани рақами тартибӣ даври нимкоҳиш хурд шудан мегирад. Вале умуман қонуниятҳои А. ба сохтори дохилии ядрои коҳанда вобаста аст. Аз таносубҳои энергетикӣ дидан мумкин аст, ки α-коҳиш бояд дар лаҳзаи хеле қӯтоҳ ба амал ояд. Аммо дар амал α-коҳиш дар $T_{1/2}$ (мас., барои уран-236 – $T_{1/2}$=$4.5\cdot10^9$ с.) ба амал меояд.

Дар расм энергияи таъсири кулонии α-зарра ба ядрои маҳсул U чун функсияи масофаи байни онҳо R тасвир ёфтааст. Азбаски энергияи пурраи



α-зарра E аз энергияи максималии потенсиалӣ хурд аст, аз нуқтаи назари физикаи классикӣ А.-ро фаҳмондан номумкин аст. А.-ро механикаи квантӣ дуруст шарҳ дод (ин корро Г. Гамов, Р. Гёрни ва Э. Кондон анҷом доданд). Механикаи квантӣ дар асоси табиати мавҷии α-зарраҳо нишон дод, ки α-зарра эҳтимолияти муайяни аз садди потенсиалӣ гузаштан дорад (туннел-эффект). Эҳтимолияти гузаришро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\lambda = \frac{8\pi\hbar^2}{mR^2}\, exp\left[-\frac{4ze^2}{\hbar v}(2\alpha_0 - \sin 2\alpha_0)\right] \cdot cos^2\alpha_0 = \frac{RE}{2Ze^2}$$

Дар ин ҷо R – радиуси эффективии ядро, Z – заряди ядро, E – энергияи А., v – суръати α-зарра дар вақти аз ядро баромадан, e - заряди электрон, ħ – собитаи Планк, m – массаи α-зарра. α-зарраҳо энергияи худро дар вақти аз моддаҳо гузаштан гум мекунанд (асосан ба туфайли бархӯрд бо электронҳои атомҳо ва молекулаҳо, ки дар натиҷаи он ионизатсия, ангезиш ва диссотсиатсия ба амал меоянд). Барои тамоман нест шудани энергияи α-зарра 10^4 – 10^5 маротиба зарб хӯрдани он лозим аст. Дар ҳаво дар шароити мӯътадил дави α-зарраҳо тахминан 2,5 – 5 см-ро ташкил медиҳад. Таҳқиқи илмии А. як қатор масъалаҳои муҳимро (сохти ядро, заряд ва радиуси ядро, реаксияҳои ядроӣ , радиоактивияти сунъӣ ва ғ.) равшан кард.

Ф. Нормуродов.

А́ЛФА-ТАБОБА́Т, α-табобат, як тарзи шуоъшифоӣ. Бо ин мақсад аз изотопҳои кӯтоҳумр, ки аз организм зуд ихроҷ мегарданд, истифода мебаранд (онҳо алфа-, бета- ва гамма-шуоъ медиҳанд). Дар мавриди А. организм асосан алфа-зарраҳо (тақр. 90%)-ро фурӯ мебарад. А. дар шакли обзанҳои радонӣ, ҳамчунин бо роҳи нӯшидани обҳои радондор, микроимола (микроклизма), нафас гирифтани ҳавои радондор, истифодаи бандинаҳои радиоактив ё марҳаму маҳлулҳои торийдор амалӣ мегардад. А. кори системаи асаб, дил, рагҳо ва ғадудҳои усораи дохилиро ба сомон меорад. А. асосан дар курортҳо (мас., Хоҷаобигарм) таъйин карда мешавад.

«АЛ-ФЕҲРИ́СТ», «Ал-феҳрист-ул-улум», асари энсиклопедии *Ибни Надим* аст, ки дар он таърихи луғат, адабу дин, фалсафаю ирфон ва дигар соҳаҳои фарҳанги исломӣ аз давраҳои қадими пеш аз ислом то замони зиндагии муаллиф (а. 10) гирдоварӣ шудаанд. Асар хусусияти китобшиносӣ, маърифатӣ ва иттилоотӣ дорад. Ибни Надим кӯшиш намудааст, ки дар «А.» феҳристи тамоми илмҳо ва осори роҷеъ ба онҳо ба забони арабӣ таълифгардидаро бо зикри муаллифонашон ҷамъоварӣ намояд. Шеваи нигориши «А.» аз дигар феҳристҳо, аз ҷумла аз «Табақот-ул-атибоъ ва-л-ҳукамо»-и Ибни Ҷалҷал фарқ дорад. Он ягона манбаи мӯътамад дар соҳаи улум ва китобшиносии аҳди аввали ислом шинохта шудааст. «А.» аз 10 боб (мақолаи даҳгона) иборат аст, ки ҳар боб шомили чанд фасл (фан) мебошад. Дар боби аввал таснифи луғот, феҳристи китобҳои дини ислом ва дигар адён, ситоиши Қуръон ва номи китобҳои таълифшуда дар улуми қуръонӣ бо муқаддимае аз хату забонҳои миллатҳои гуногун оварда шудааст. Боби дуюми «А.» роҷеъ ба улуми сарфу наҳв баҳс мекунад. Дар боби сеюми «А.» матолиби вобаста ба фаъолияти шаҳриёрону надимон, кормандони девон, котибону адибон ва нависандагон инъикос ёфтаанд. Боби чаҳоруми асар дар бораи шеъру шоирӣ буда, дар он ду турфа адибон – шоирони давраи ҷоҳилияи араб ва даврони исломӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар боби панҷум роҷеъ ба илми калом ва мутакаллимони мӯътазила, мурҷиа, ахбори мутакаллимони шиъа, имомияву зайдия, фирқаҳои мурҷиаву ҳашвия, хавориҷ ва фаъолияту таълимоти зоҳидону обидону суфиён маълумот оварда шудааст. Боби шашуми «А.» пурра ба фиқҳ ва фаъолияти фақеҳону муҳаддисон, ахбори Абуҳанифа, Имом Шофеӣ, ахбори Довуд ва суннати шиъа бахшида шудааст. Боби ҳафтум «Дар фалсафа ва улуми қадим» ном дорад. Дар он роҷеъ ба файласуфон, аз ҷумла табииён, мантиқиён, риёзиён, муҳандисон, мусиқишиносон, мунаҷҷимон, номи осору олоти мавриди истифодаи онҳо ва тарҷумаи китобҳои тиббӣ маълумоти муфид баён гардидааст. Боби ҳаштум дар мавриди хурофотпарастӣ, афсунгарӣ, шӯъбадабозӣ, соҳирӣ ва китобҳои марбут ба он баҳс мекунад. Боби нӯҳуми «А.» ба шарҳу баёни мазоҳибу ақоид оид буда, дар он мазҳабҳои собеиёни келдонӣ, таълимоти сонавия (дуализм), монавия, дайсония, хуррамия, маздакия ва маркиён ҳамроҳ бо адёни ҳиндуёну чиниён ва дигар халқҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боби даҳуми «А.» пурра дар бораи санъати кимиёгарии Ҷобир ибни Ҳайён, осори ӯ ва фаъолияти шогирдони Ҷобир – Зуннуни Мисрӣ, Закариёи Розӣ, Ахмимӣ, Солеҳи Алавӣ, Ибни Сулаймон ва дигарон баҳс мекунад. Дар таълифи «А.» Ибни Надим аз маъхазҳои гуногун, аз ҷумла тафсирҳои мухталиф ба Таврот, осори Афлотуну Арасту, Ҷолинус ва дигар осори олимони юнонӣ, ки дар аҳди аввали ислом ба арабӣ тарҷума шуда буданд, инчунин осори олимони соҳаҳои гуногуни илм ба забони арабӣ истифода намуда, бардоштҳои шахсии худро аз баҳсу ҷадал бо намояндагони дину ҳикмати фалсафа ва соири улуми замона дар асараш ҷой додааст.

Бори нахуст олими австриягӣ Густав Флюгел нусхаҳои хаттии «А.»-ро ҷамъоварӣ намуда, онро дар як нусхаи ҷомеъ тасҳеҳ кард ва пас аз марги ӯ бо кӯмаки Родигер ва Мюллер дар Лейбсиг ба чоп расид (1871). Муҳаммад Ризои Тачаддуд дар Теҳрон «А.»-ро дар тарҷумаи форсии он с. 1968 чоп намуд. Соли 1970 «А.» дар Нию Ёрк ба тавассути Боёрди Дог ба забони англисӣ тарҷума ва дар ду нусха чоп шуд.

Ад.: Муҳаммад Исҳоқ ибни Надим, Алфеҳрист. Т., 1381, ҳ. ш. *М. Ҳазратқулов.*

АЛФЁРОВ Жорес Иванович (тав. 15. 3. 1930, Витебск, Белоруссия), физики рус, акад. (1979), ноиби президенти АИ Россия (аз с. 1990). Хатмкардаи Институти электротехникии Ленинград (1952). Аз с. 1953 дар Ин-ти физикаю техникаи АИ Россия ба номи А. Ф. Иоффе ба ҳайси корманди илмӣ, директор ва роҳбари илмӣ кор кардааст. Солҳои



1989 – 2010 раиси Маркази илмии петербургии АИ Россия буд. 5 апр. 2010 роҳбари илмии Маркази иноватсионии «Сколково» интихоб шуд. Дар ихтирои нахустин транзисторҳои советӣ ва асбобҳои қуввагии аз германий сохташуда иштирок кардааст. Бори аввал дар соҳаи нанотехнология гетеросохторҳои нимноқилҳо, инчунин гетеролазерҳои инжексиониро дар нуқтаҳои квантии сунъӣ, ки дар ҳарор. хона бо реҷаи муттасил дар фосилаи васеи тайфӣ кор мекунанд, ба вуҷуд овард. Таҳқиқоти А. ба электроникаи куллан нав асос гузошт, ки усулҳои он «муҳандисии минтақавӣ» ном гирифт. Аз с. 2007 депутати Думаи давлатии Маҷлиси Федеративии Федератсияи Россия. Хазинаи дастгирии илму техникаро барои кӯмак расондан ба ҷавонони болаёқат, ҳавасмандии фаъолияти эҷодӣ дар соҳаҳои афзалиятноки илм таъсис дод. Муаллифи бештар аз 500 таълифоти илмӣ, 3 монография, 50 ихтироъ. Дорандаи Мукофоти ленинӣ (1972), Мукофоти Нобел (с. 2000 якҷоя бо С. Килби ва Г. Кремеров). Узви академияи илмҳои бисёр давлатҳои ҷаҳон мебошад.

АЛХИМИЯ, ниг. *Кимиё.*

АЛХӮҶ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Лучоби ноҳ. Варзоб. Аз А. то маркази ноҳия 3 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 411 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз чашмасорон обёрӣ мешаванд.

«АЛ-ҲОВӢ», асари Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар боби тиб. Розӣ дар асар ҳамаи бемориҳоеро, ки мушоҳида ва табобат кардааст, зикр менамояд. Бино ба маълумоти Абурайҳони Берунӣ «А.» аз 13 фасл иборат аст: беморӣ ва муолиҷаи беморон, ҳифзи сиҳат; бахия (чоки захм), шикастабандӣ ва захмҳо; нерӯи доруҳо, ғизо ва дигар моддаҳо, ки дар тиб истифода мешаванд; доруҳои мураккаб, санъати тиб, дорусозӣ, рангу таъм ва бӯи доруҳо; навъи баданҳо, вазнҳо ва кайлҳо (ченакҳо); шарҳу вазифаҳои аъзо; иллат ва сабабҳои табиии санъати тиб; нахустин истилоҳоти тиббӣ ва муқаддимаи тиб.

Муаллиф барои таҳияи китоби мазкур 15 соли умри худро сарф кардааст. Китоб аз 30 муҷаллад иборат мебошад. Ошноӣ бо мӯҳтавои «А.» шаҳодат медиҳад, ки Розӣ аз таълифоти Дискуридус, *Буқрот, Ҷолинус* ва дигар табибони юнонӣ, римӣ, ҳиндӣ, арабӣ хуб огоҳӣ доштааст. «А.» қомуси ҳақиқии тиббӣ буда, қариб ҳамаи масъалаҳои тибби амалӣ ва назариявии ҳамон даврро дар бар мегирад. Абуалӣ ибни Сино ба ин асари Розӣ шинос буд ва дар китоби худ «Аш-Шифо» иқтибосҳои сершумор карданаш далели ин мебошад. Ба қавли муаррихон Шайхурраис зимни шурӯъ кардан ба омӯзиши тиб дар навбати аввал ба «А.» шинос шудааст. «А.» аввал с. 1486 ва минбаъд с-ҳои 1509, 1542 бо номи «Continens Rasis» дар Италия ба лотинӣ тарҷума шудааст. Дастхатҳои он бо номи «Ал-Ҷомеъ-ул-ҳозир ли синоати-т-тиб» ва «Ал-Ҷомеъ-ул-кабир» дар китобхонамузейи Италия, китобхонаҳои Мюнхен, Оксфорд, Кембриҷ, дар Испания, Истанбул, Ромпур, Мадрас ва ғ. маҳфузанд. *Ю. Нуралиев.*

АЛҲӮ́Н, (ар. ҷамъи лаҳн – лаҳнҳо, оҳангҳо) садоҳои хуши мусиқӣ, ки ба ҳам баробаранд. Хониши оҳангдори шеър, чаҳ-чаҳи булбул ва овозҳои хуш бо А. иртибот доранд. Дар А.-и мусиқӣ эҳсосоти нозуки инсонӣ – ғаму андӯҳ, шодию сурур, ҳаяҷон ва ғ. ифода меёбанд. Шаш навъи А. мавҷуд аст: 1) А.-ибасита, ки аз савтҳои сода таркиб ёфта, бо вазн, зарб ва усули муайяни мусиқӣ иҷро мешаванд; 2) А.-и инфиолия, асари мусиқие, ки дар оҳангу матни он ғаму андӯҳ, ҳаҷру фироқ инъикос меёбад. «Гиря», «Гирён-қазоқ», «Савти Гиря» аз ҷумлаи оҳангу таронаҳои халқию классикии тоҷик мебошанд, ки дар А. -и инфиолия эҷод шудаанд. 3) А.-и мулазза, тарона ва сурудҳои дилнишин, ки дар матн ва оҳанги онҳо зебоиҳои олам бо ифодаҳои дилкаши мусиқӣ тасвир шуда, ба шунаванда лаззати эстетикӣ мебахшанд; 4) А.-имуҳайила, таронаҳое мебошанд, ки ба шунаванда таъсири амиқи рӯҳӣ ва эмотсионалӣ мерасонанд. Дар ин гуна асарҳои мусиқӣ тасвири романтикии табиат, наботот, ҳайвонот ва ғ. ифода ёфтаанд. «Сувора», «Чӯпонӣ», «Зог», «Сорбон», «Ракаб», «Кӯҳистонӣ», «Сарахбори кӯҳистон», «Роки Дарвоз», «Дар чаман», «Мавҷи Сурхоб», «Хироми кабк» барин таронаву оҳангҳои классикию халқии тоҷикӣ намунаҳои А.-и муҳайила мебошанд; 5) А.-ихаттия (таронавӣ), асари мусиқиест, ки дар қисмати овозии он оҳангнокӣ мавқеи асосӣ дорад; 6) А.-иҷирмия, асари мусиқиест, ки нағма ва усули доиравии он (зарб, вазн, усул) бо матн мутаносибан иҷро мешаванд. Дар истилоҳоти мусиқии имрӯза А.-и ҷирмия ба мусиқии вокалӣ (овозӣ) наздик аст.

Ад.: Дарвешалии Чангӣ, Тӯҳфат-ус-сурур, Р. 149, ИВАН Узб. ССР., Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Раҷабов.

«АЛҶА́БР-ВА-Л-МУҚО́БАЛА» (ар. «алҷабр» – барқарор кардан ва «алмуқобала» – қиёс намудан), номи китоби Абуабдуллоҳ Муҳамад ибни Мусои *Хоразмӣ* (780 – 850), ки номи ӯро дар ҷаҳон машҳур кард ва яке аз қисмҳои математика шуд. Санаи навиштани «А.» маълум нест, лекин аз сабаби он ки Хоразмӣ онро ба халифа ал-Маъмун (ваф. 833) бахшида буд, баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки рисола то с. 833, эҳтимол с. 830 ба итмом расида бошад. Дастхати арабии дар с. 1342 дастнависшудаи «А.» дар китобхонаи донишгоҳи Оксфорд (Англия) маҳфуз аст. Хоразмӣ якумин олими Шарқ аст, ки алгебраро ба забони арабӣ навиштааст. «А.» аз пешгуфтор ва се қисм иборат аст: илм дар бораи муодилаҳои хаттӣ ва квадратӣ, ченкунии масоҳатҳо ва қоидаи тақсими мерос байни меросхӯрон аз рӯи васиятнома. Дар пешгуфтор Хоразмӣ оид ба мақсади таълифи «А.» менависад, ки он ба мардум барои тақсими мерос, тартиб додани васиятнома, тақсими амвол, тиҷорат ва бастани шартномаҳо, инчунин андозагирии заминҳо, кандани ҷӯйбору каналҳо ва корҳои сохтмонӣ дар обёрӣ ва ғ. зарур аст. Инчунин дар пешгуфтор истилоҳоти соҳа шарҳ дода шудааст. Дар қисми якуми рисола Хоразмӣ дар бораи ҳалли муодилаҳои хаттӣ ва квадратӣ сухан ронда, онҳоро ба шаш намуд чудо мекунад:

$$cx^2 = bx$$
$$cx^2 = a$$
$$bx = a$$
$$cx^2 + bx = a$$
$$cx^2 + a = bx$$
$$bx + a = cx^2$$

Ин муодилаҳоро Хоразмӣ бо тарзи исботи геометриявӣ ҳал намудааст, ки алгебраи ӯро аз рисолаҳои Ариабҳата (а. 5) ва Бараҳмагупта (а. 7), «Арифметика»-и Диофант ва «Ибтидо»-и Уқлидус фарқ мекунонад. Аъзои муодила аз решаҳо, квадрати онҳо ва аз ададҳои доимӣ иборат шуда метавонанд. Мас.,

$3x^2 + 40 – 15x = 30 + 2x^2 – 8x$ (1)

Одатан, муодилаи мазкурро ба шакли $x^2 – 7x + 10 = 0$ (2) оварда, баъд ҳал мекунанд. Дар асл муодилаи (1) ба шакли (2) дар натиҷаи истифодаи усулҳои «алҷабр» ва «алмуқобала» оварда мешавад. «Алҷабр» ин ама-

ли мусбат гардондани аъзои манфии муодила мебошад ва аз як тараф ба тарафи дигари муодила гузарондани аъзои манфии онро ифода мекунад:

$3x^2 + 40 + 8x = 30 + 2x^2 + 15x$

«А.» инчунин усули алгебравиест, ки Хоразмӣ барои ҳал кардани муодилаҳои квадратӣ татбиқ кардааст. Мувофиқи усули «алмуқобала» аъзои монандро ихтисор бояд кард. Барои ин аъзои монандро муқоиса намуда, аз аъзои калон аъзои ба он монанди хурдро тарҳ кардан лозим аст: $x^2 + 10 = 7x$. Шакли умумии ин муодила $x^2 + c = bx$ ва шакли каноникии он $ax^2 + c = bx$ мешавад. Ҳар ду тарафи ин муодиларо ба a тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$$x^2 + q = px \qquad (3),$$

ин ҷо p = b/a, q = c/a аст. Хоразмӣ ҳалли муодилаи намуди (3)-ро дар шакли

$$x = p/2 \pm (p/2)^2 - q \qquad (4)$$

медиҳад. Ҳоло муодилаи (3)-ро ба намуди $x^2 + px + q = 0$ менависанд, бинобар ин, формулаи (4) чунин шаклро мегирад:

$$x_{1,2} = -p/2 \pm (p/2)^2 - q \qquad (4')$$

Хоразмӣ бо татбиқ намудани усули «алҷабр» ва «алмуқобала» усулҳои пешинаро, ки барои ҳалли ҳар як муодилаи дараҷаи якум ва дуюми мушаххас татбиқ мешуд, абстраксия намуда, дар шакли усули муайян умумият дод ва асоси соҳаи илми алгебраро ба вуҷуд овард.

Қисми дуюми рисола «Боб дар бораи ченкунии масоҳатҳо» ном дорад. Дар он шаклҳои геометриявии секунҷаҳо, чоркунҷаҳо ва даврaҳо баррасӣ гардида, қоидаҳои чен кардани се намуди секунҷаҳо (росткунҷа, тезкунҷа, кундкунҷа) нишон дода шудааст. Ин қисми «А.» геометрияи Хоразмӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои геометриявӣ қоидаҳои алгебра истифода шудаанд. Геометрияи Хоразмӣ кӯтоҳу фаҳмо буда, қоидаҳои асосии ҳисоби шаклҳои геометриявиро дар бар мегирад. Он ба таҳким ва рушди илми геометрия дар мамолики Шарқ таъсири мусбат расондааст. Қисми охирини рисола ба масъалаҳои тақсими мерос аз рӯи васиятнома бахшида шудааст. Дар ин бахш Хоразмӣ муодилаҳои дараҷаи якумро истифода намуда, бисёр масъалаҳоеро, ки ҳангоми тақсимоти мерос байни меросхӯрон ба амал меоянд, мутобиқи қоидаҳои шариат ҳал намудааст.

«А.»-ро с. 1145 Р. Честерски ба забони лотинӣ тарҷума ва Л. Карпинский онро дар с. 1915 якҷоя бо тарҷумаи англисиаш чоп кардааст. Дар байни с-ҳои 1114 – 17 «А.»-ро Герардои Кремонӣ ба лотинӣ тарҷума намуда, Г. Либри с. 1838 дар Париж чоп намудааст. Дигар тарҷумаи лотинии «А.»-ро дар а. 13 математикони машҳури италиявӣ Л. Пизани (Фибоначчи) ва шогирдаш Ди Лунис, дар а. 14 Р. Каначчи истифода кардаанд. Математики машҳури нидерландӣ Адриан ван Роумен (1561 – 1615) «А.»-ро таҳқиқ намуда, ба он шарҳ навиштааст. «А.» ба ақидаҳои математикавии олимони машҳури соҳа, чун Пачоли (а. 15), Тарталя, Ферро ва Кардано (а. 16) таъсири калон расондааст. Соли 1937 Али Мустафо Мушрафа ва Муҳаммад Марсо осори арабии Хоразмиро дар Қоҳира (Миср) ба табъ расонидаанд. «А.»-ро ба забони форсӣ Х. Хидевҷам чоп кардааст. «А.»-и Хоразмӣ пас аз марги ӯ шӯҳрати калон ёфта, олимони зиёде ба он шарҳ навиштаанд.

Ад.: Ал-Хоразми Мухаммад, Математические трактаты, Ташкент, 1964; Г. Гаибов, Мухаммад ибн Муса ал-Хорезми, Д., 1983.

М. Холов.

«АЛ-ҶАВДИЯ́» («Некӣ ва нек шудан»), асари тиббии Абуалӣ ибни Сино. Солҳои 1005 – 10 ба забони форсӣ таълиф шудааст. Дар муқаддимаи рисола омада: «…Бидон, ки ҷамеи иллатҳо аз хӯрдани бисёру гуфтани бисёр ва хуфтани бисёру муҷомиати бисёр падид ояд. Аз хӯрдани бисёр меъда табоҳ шавад, ҷигар заиф шавад, дарди шикаму гурда падид ояд, ногувориш ва бодҳои зишту тухма ва сустии аъзо бувад. Аз хоби бисёр зардии рӯй ва гаронии тан бошад, мағз тиҳӣ гардад, чашм биомосад, савдо ғолиб шавад. Аз бисёр гуфтан дарди сар ва шақиқа бувад ва ҳарорати сафро ва зиёдатии ранҷ ва ба охири умр иллатҳои саъб ориз гардад. Аз муҷомиат кардани бисёр гурда заиф шавад, тан лоғар гардад, чашм торик ва мағз хушк шавад ва лаззати шаҳват дарнаёбад, рӯяш зуд сафед шавад, пӯсти бадан дурушт гардад».

«А.» аз 8 боб иборат буда, илоҷи баъзе бемориҳои чашм (пурхунӣ, тухмак, илтиҳоб ва об рафтани чашм, шабкӯрӣ, рехтани мижа), дандону даҳон (дард ва хунравии дандон, бӯи нофорам ва об рафтан аз даҳон ва ғ.), меъда, рафъи қай, кирми меъда, қуланҷ, дарди нофу зиҳор, калаф, таб, хориши андом, моргазида, мӯйрезӣ, берун омадани мақъад, дармони бавосир, омос, дарди хоя, сустии қувваи боҳ, истисқо, қатъ ва ифроти ҳайзи занон, нозоӣ, сусткамарӣ, камшириии пистон, усулҳои маҳв намудан ва ё хӯсондани ҳашарот (магас, кайк, мӯрча ва ғ.), ҷонварҳои газанда (мор, каждум) ва лавозимоти пардози бадан сухан меравад. Муаллиф барои табобати бемориҳои номбурда ҳар гуна наботот ва меваю сабзавот, моддаҳои ғизоӣ, химиявӣ ва органикиро тавсия медиҳад. *Ю. Нуралшев.*


«АЛ-ҶАЗӢРА», шабакаи телевизионии давлати Қатар. Соли 1996 бо номи JSC (AL-Lazeera Satellite) таъсис ёфта, ҳамчун «Ал-Ҷазира» маъруф аст. Дар тамоми ҷаҳон, хусусан дар кишварҳои арабӣ, зиёда аз 40 млн. тамошобин дорад. Барномаҳои «А.» ба забонҳои арабӣ ва англисӣ пахш мешаванд. *М. Султонов.*

АЛҶАЗОӢР, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир (ҶХДА), давлат дар қисми шим. ғарбии Африка. А. дар Ғ. бо Марокаш ва Саҳрои Кабир, дар Ҷ. Ғ. бо Мавритания ва Мали, дар Ҷ. Ш. бо Нигер, дар Шим. бо Либия ва Тунис ҳамсарҳад аст. Масоҳ.: 2.381.741 км². Аҳолиаш 34,6 млн нафар (2010). Пойтахташ – ш. Алҷазира. А. дуввумин давлати бузург дар қитъаи Африка буда, қисми зиёди масоҳаташро Саҳрои Кабир ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 48 вилоят тақсим шудааст. Дини давлатӣ – ислом (маҳзаби суннӣ). Ҷашнҳои миллӣ: 1 ноябр – Ҷашни Инқилоб (1954) ва 5 июл – Рӯзи эълони истиқлол (1962). Воҳиди пулӣ – динори Алҷазоир.



Парчам ва нишони Алҷазоир.

Сохти давлатӣ. А. Ҷумҳурии халқии демократӣ аст. Сардори давлат – президент, ки ба мӯҳлати номаҳдуд интихоб мешавад. Президент ҳамчунин мақоми олии судӣ – Шӯрои Олии Судиро роҳбарӣ мекунад. Мақоми қонунгузор – Парламенти дупалатавӣ. Палатаи болоӣ – (Шӯрои миллӣ, Сенат – 144 намоянда) ба муддати 6 сол ва палатаи поёнӣ – Ассамблеяи халқӣ (389 ҷой) ба муддати 5 сол интихоб карда мешавад. Ҳизбҳои асосӣ, ки дар парламент намояндаи зиёд доранд: Фронти Озодихоҳии Миллӣ, Иттиҳоди миллии демократӣ, Ҳаракат барои Ҷамъияти Осоишта, Ҷабҳаи наҷоти исломӣ. А. – узви СММ (аз 1962), Созмони Конференсияи Исломӣ, Лигаи давлатҳои араб, Созмони давлатҳои содиркунандаи нефт (ОПЭК) мебошад. Аз с. 1998 бо


АЛҶАЗОИР
МАРОКАШ
САҲРОИ МАВРИТАНИЯ
САҲРОИ ЛИВИЯ
КАБИР
УКЁНУСИ АТЛАНТИК
БАҲРИ МИЁНАЗАМИН
Оран(Вуҳрон)
Сидӣ-Бил-Аббос
Машария
Наама
Башар
Абадла
Таҷит
Бани-Аббос
Табалбала
Кирзоз
Ағидол
Загду
Ам-ул-Ғадур
Авинет-Легра
Аюсе-ул-Биод
Шайхия
Адрор
Ил-Белбед
Ал-Голия
Ал-Ҳачар
Варқла
Бискра
Ал-Водӣ
Туққурт
Ал-Ҷазоир
Алҷазира
Ал-Ҷалфа
Медея
Батна
Тебессе
Бусаада
Сетиф
Константина
Ал-Ҳарраш
Ал-Ҳаҷар
Ал-Ҳаҷ
Ал-Ҳаҷ
Ал-Ҳаҷ



Манзараи Алҷазира.

диданд. Бештари шаҳрҳо, аз ҷумла Сирта (Қустантини ҳозира) бунёд шуда, зироатпарварӣ инкишоф ёфт. Дар миёнаи а. 1 то м. минтақаҳои наздибаҳрӣ тобеи Империяи Рим гардиданд. Баъдтар Нумидия ба музофоти Рим (с. 46 то м.) табдил дода шуда, забони лотинӣ ва дар а. 2 дини насронӣ паҳн гардид. А.-ро а. 5 вандалҳо ва а. 6 византиягиҳо забт карданд. Дар а. 7 сарзамини А. аз ҷониби арабҳо истило ва ба ҳайати хилофати араб дохил карда шуд. Аксарияти қабилаҳои барбарҳо бо арабҳо омезиш ёфта, дини исломро қабул карданд. Аввалҳои а. 16 як қисми ноҳияҳои наздибаҳрии А.-ро испаниҳо ишғол намуданд. Соли 1518 аз сабаби таҳдиди забти ноҳияҳои дигар ҳокимони маҳаллӣ барои ёрӣ ба туркҳо мурочиат карданд. Дар нимаи а. 16 А. музофоти Империяи Усмонии Туркия ва тобеи султонҳои турк гардида, ба се вилоят: Қустантин, Титтери (Медеа) ва Маскада (Оран) тақсим шуд. Аввалҳои а. 18 А. мустақилиятро ба даст овард. Дар а. 17 ва ох. а. 18 А. пойгоҳи роҳзанҳои баҳрӣ (корсарҳо) ҳисоб меёфт, ки сарварони он бийҳои (бек) А. буданд. Киштиҳои роҳзанҳои А. то ҷаз-ҳои Азор ва Канар, Дания ва Норвегия сафар мекарданд, вориди бандарҳои Темза ва Элба мешуданд. Соли 1830 қӯшунҳои Франсия пойтахти А. – Алҷазираро ишғол карданд. Аз ҳамин вақт А. мустамликаи Франсия шуд ва ин то с. 1954 давом кард. Дар авв. а. 20 А. яке аз мустамликаҳои калонтарини Франсия дар Африка ба ҳисоб мерафт. Солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳукуматдорони Франсия арабҳову барбарҳоро ба сафи артиши худ даъват намуданд, ки ин норозигии сокинони А.-ро ба вуҷуд овард. Солҳои 1920 – 23 дар А. муборизаи озодихоҳона (бо сарварии набераи Абдулқодир – амир Холид) шурӯъ шуд ва талабашон ин буд, ки байни аҳолии муқимӣ ва европоиён баробарҳуқуқӣ барқарор шавад. Соли 1931 дар А. Ассотсиатсияи уламои ислоҳотчиҳо созмон дода шуд, ки бо ташкили он муборизаи муташаккилона барои истиқлолияти А. шурӯъ гардид. Баробари бар Франсия ғалаба кардани Фронти халқӣ (1936) ба алҷазоириён баъзе озодиҳои демократӣ дода шуд. Ҳизби коммунистии А. (таъсисаш с. 1936) бо ҳамроҳии ҳизбҳои дигар ба Конгресси мусулмонон дохил шуд, ки он бо роҳи осоишта демократӣ кунонидани А.-ро мақсади худ қарор дод. Баробари сар шудани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 1945) дар мамлакат иртиҷоъ авҷ гирифт ва ҳукумати Франсия фаъолияти ҳизбҳои сиёсии А.-ро манъ кард. Баъди таслимшавии Франсия ба Германияи гитлерӣ А. ба манбаи ашёи хом ва таъминоти Германия ва Италия табдил ёфт. Ноябри 1942 А.-ро десанти Англия ва ШМА ишғол намуд. Дар муборизаи зидди фашистон дар Тунис, қӯшунҳои франсавӣ (аксарияташон алҷазоириву марокашӣ буданд) низ ҳамроҳи иттифоқчиён иштирок доштанд. Июни 1943 дар А. Комитети франсавии озодии миллӣ бо сарварии Шарл де Голл ташкил гардид. Баъди муборизаи дурудароз дар парламенти Франсия Низомномаи с. 1947 зӯран ба гардани А. бор карда шуд, ки мувофиқи он маъмурияти мустамликавии Франсия ҳукмронии мутлақи худро дар А. нигоҳ медошт. Бо вуҷуди он ки Низомнома «таъмини ҳуқуқи» алҷазоириёнро расман эълон кард, дар асл дар А. озодиҳои демократӣ мисли пештара маҳдуд карда мешуданд, интихобот сохтакорона мегузашт ва муборизони роҳи истиқлолият таъқиб мешуданд. Соли 1946 «Ҷунбиш барои ғалабаи озодиҳои демократӣ» созмон дода шуд. Окт. 1954 «Комитети инқилобии ваҳдат ва амалиёт» ташкил намуданд ва дере нагузашта ин комитет ба Фронти озодихоҳии миллӣ (ФОМ) табдил ёфт. 1 ноябри 1954 шӯриш сар зада, тадриҷан тамоми А.-ро фаро гирифт ва ба инқилоби миллӣ-демократии зидди мустамликадорӣ мубаддал гардид. Соли 1958 Ҳукумати муваққатии Ҷумҳурии Алҷазоир ташкил ёфт, ки онро бештари мамлакатҳои Осиёву Африка, аз ҷумла СССР ба расмият шинохтанд. Франсия сент. 1959 ҳуқуқи халқи А.-ро барои худмуайянкунӣ эътироф намуд. Июни 1962 барномаи нави ФОМ қабул шуд. 20 сент. 1962 А. Ҷумҳурии Халқии Демократӣ эълон гардид ва ба нахустин ҳукумати соҳибистиқлоли А. узви Бюрои сиёсии ФОМ Аҳмад бинни Биллоҳ сарварӣ намуд. 19 июни 1965 артиш бинни Биллоҳро аз мансаб дур сохт. Ҳокимият ба дасти Шӯрои Инқилобӣ гузашт ва вазири мудофиа Ҳуари Бумедйен сардори он таъйин шуда, ҳукумати нав ташкил кард. А. узви Лигаи Давлатҳои Араб ва Ташкилоти ягонагии Африка гардид. Аввалҳои с-ҳои 70 а. 20 Ҳ. Бумед йен саноати нефту газро миллӣ кунонд ва ислоҳоти аграрӣ гузаронд. Соли 1976 Бумедйен аз нав Президенти ҶХДА интихоб шуд. Баъд аз фавти ӯ февр. 1979 Ш. Бенҷадид Президенти ҶХДА интихоб гардид. То миёнаи с-ҳои 80 а. 20 роҳбарияти А. тавонист вазъиятро дар мамлакат ба эътидол оварад, аммо номусоидии иқтисодӣ, поёнравии даромад аз содироти нефту газ, ришвахӯрӣ, саҳлангории ҳукумат боиси норозигии аҳолӣ гардид ва ин мавқеи исломгароёнро дар ҷомеа устувор гардонд. Комёбии Ҷабҳаи наҷоти исломӣ (ҶНИ) дар интихоботи мунитсипалии с. 1990, сипас ғолибият дар даври аввали интихоботи парламентӣ (дек. 1991) аз ҷониби исломгароён, норозигии сарварони артиш, жандармерия ва хадамоти бехатариро ба миён овард. Президент Бенҷадид истеъфо дод ва ба декрет оид ба пароканда кардани парламент имзо гузошт. Натиҷаи даври аввали интихобот бекор эълон шуд. Фаъолияти ҶНИ манъ гардид ва сарварони он ҳабс карда шуданд, ки ин ғазаби ҷонибдорони сохти исломиро ба вуҷуд овард. Исломгароён ба куштори намояндагони ҳокимият ва хориҷиён, аҳолии осоишта шурӯъ карданд. Солҳои 90 а. 20 дар А. беш аз 100 ҳазор нафар ба ҳалокат расид. 15 янв. 1992 Шӯрои олии давлатӣ таъсис ёфт, ки ба ӯҳдаи он вазифаи «президентии коллективона» гузошта шуд. Бо сабаби гузаштани мӯҳлати ваколати ин Шӯро с. 1995 генерали мустаъфӣ Л. Зервал Президенти А. интихоб шуд. Дар раъйпурсии ноябри 1996 Конститутсияи нав қабул гардид, ки он исломро дини давлатӣ, забони арабиро забони расмӣ эълон кард. Дар интихоботи с. 1999 Абдулазиз Бутефлиқа президенти А. интихоб шуд. Дар интихоботи парламентии с. 1999 ФОМ бо 199 ваколат (35,5%) ғолиб омад. Дар авв. а. 21 ҳукумати А. тавонист, ки ҳизби ифротии (радикалии) исломиро саркӯб ва оромиро дар А. барқарор кунад. Дар интихоботи президентии с. 2004 Бутефлиқа аз нав Президенти А. интихоб гардид. Соли 2005 ба собиқ иштирокчиёни ташкилотҳои зиддиҳукуматие, ки хоҳиши ба ҳаёти осоишта баргаштан

доштанд, афви умумӣ эълон шуд. Яке аз мушкилоти сиёсии А. баъд аз терроризми исломӣ ин ҷунбиши миллии барбарҳо дар Қабилия мебошад.

Иқтисодиёт. А. давлати индустриалӣ-аграрӣ буда, асоси иқтисодиёташро саноати нефту газ ташкил мекунад. А. дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираи газ ва содироти он ҷойи 4-умро ишғол менамояд. Инчунин дар истихроҷи гази моеъ пешсаф аст. Нерӯи барқ асосан ба воситаи нерӯгоҳҳои барқии аловӣ (фақат 0,3% ба воситаи НБО) истеҳсол мешавад.

А. корхонаҳои истихроҷу софкории нефт коркарди гази моеъ дорад. Саноати нефту газ дар ихтиёри ширкати давлатии «СОНАТРАК» аст; аз с. 2001 ба ин соҳа ширкатҳои хориҷӣ (Франсия, Испания, Канада, ШМА) ҷалб карда шуданд. Дар А. саноати маъдани кӯҳӣ тараққӣ кардааст: оҳан, руҳу симоб, фосфорит, ангиштсанг, барит ва сурма, маъдани мис, манган, волфрам, намак, мармар истихроҷ мекунад. Корхонаҳои истеҳсол ва коркарди металлҳои рангa ва сиёҳ (Комб. металлургии Ал-Ҳаҷҷар) дар иқтисоди А. мавқеи муҳим доранд. Корхонаҳои семент, химиявӣ ва нефту химиявӣ (истеҳсоли аммиак, нуриҳои маъданӣ ва ғ.) амал мекунанд. Дар соҳаи мошинсозӣ истеҳсоли мошинҳои боркаш, автобусҳо, мошинҳои хоҷагии қишлоқ; дастгоҳсозӣ ва киштисозӣ, ҳамчунин электротехника ва радиоэлектроника (телевизор, радиоприёмник ва яхдонҳо) ривоҷ дорад. Дар А. инчунин корхонаҳои истеҳсоли орд, равғани зайтун, гӯшт, консервбарорӣ (моҳӣ), шароб, нӯшобаҳои ташнагишикан, нассоҷӣ (аз нахи пахта ва пашм), қолинбофӣ ва чарму пойафзорбарорӣ мавҷуданд.

Кишоварзӣ. Сиёсати аграрии ҳукумати А, ки с. 1960 – 80 амалӣ мекард, аз сабаби паст будани ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагиҳои коллективӣ ба касодӣ ва таназзул оварда расонд. Таҷаддуди ин соҳа фақат баъди додани қисми замин ба заминдорони хусусӣ (аз с. 1990) ҳалли худро ёфт. Кишоварзӣ асосан дар минтақаҳои наздибаҳрӣ ва водиву воҳаҳои кӯҳӣ, токпарварӣ дар қисми шим. ғарбӣ (хусусан дар вил. Вуҳрон) ривоҷ ёфтааст. А. аз ҷиҳати ҷамъоварии ангур ва истеҳсоли шароб дар Африка ҷойи аввал ва гандуму ҷав, равғани зайтун, меваҳои ситрусӣ ва хурмо ҷойҳои 2 – 3-юмро ишғол менамояд. Сабзавоткорӣ дар соҳил ва атрофи шаҳрҳои калон ривоҷ дорад. Чорводорӣ қариб чоряки тамоми маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар бар мегирад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ноҳияҳои наздисоҳилии Шим. А. чорводории чарогоҳӣ ва кӯҳӣ (айлоқӣ) инкишоф ёфтааст. Дар минтақаҳои биёбон ва нимбиёбон ва Саҳрои Кабир чорводории кӯчӣ вуҷуд дорад. Ҷангалҳо асосан дар кӯҳҳои Атласут-Тал боқӣ мондаанд. Ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи алфа (соле то 100 ҳаз. т) ба роҳ монда шудааст, ки аз он беҳтарин навъи коғаз тайёр менамоянд.

Нақлиёт. Дарозии умумии роҳҳои оҳани А. 4,8 ҳазор км, роҳҳои автомобилгард 104 ҳазор км аст (2010). Қариб тамоми ҳамлу нақли савдои берунӣ ва мусофиркашонӣ бо нақлиёти баҳрӣ ичро мегардад. Калонтарин бандарҳо: Вуҳрон, Алҷазира, Мустағоним, инчунин Анноба, Арзев, Бичая ва Скикда (нефтборкунӣ). Дар пойтахт аэропорти асосии байналхалқӣ амал мекунад. Аэропортҳои Қустантина, Анноба, Тлемсен ва Вуҳрон низ мақоми байналхалқӣ доранд. А. дорои 65 аэродроми аҳамияти маҳаллӣ аст. Дарозии умумии қубурҳои нефт (2010) – 5,9 ҳазор км, қубурҳои газ ва хӯрокворӣ – 8,6 ҳазор км. Ду қубури асосии газ ба тавассути Тунис то Ситсилия ва ба воситаи Марокаш то Испания аз зери Баҳри Миёназамин мегузаранд. А. ба хориҷа ғайри нефту газ шароб, мева, сабзавот, маъдани оҳан, коғаз ва ғ. мебарорад; аз хориҷа таҷҳизоти саноат, хӯрокворӣ, маҳсулоти саноати сабук ва металл меоварад. Алоқаи иқтисодии А. асосан бо Италия, ШМА, Франсия, Испания, Германия, Нидерланд ва кишварҳои Иттиҳоди Европа амалӣ мешавад. Барои сайёҳон соҳилҳои Баҳри Миёназамин, кӯҳҳои Атлас ва Саҳрои Кабир ҷолиб буда, ҳар сол ба А. 700 ҳазор сайёҳ меояд.

Нигаҳдории тандурустӣ. Афзоиши ҳарсолаи табиии аҳолӣ 2%, фавти кӯдакон ба ҳар 1000 нафар нав зод – 4,6% (2010). Бемориҳои сироятӣ бештаранд. Марказҳои калонтарини нигаҳдории тандурустӣ: маҷмааҳои табобатӣ ва дармонгоҳҳои назди Ин-ти офталмологияи тропикӣ, Маркази онкологӣ ва Ин-ти Пастер. 80 фоизи муассисаҳои тиббӣ давлатианд. Ба аҳолӣ марказҳои беҳдошти саломатӣ, бунгоҳҳои маслиҳати тиббӣ, марказҳои муҳофизати модар ва кӯдак, диспансери бемориҳои сил ва ҷимоӣ хизмат мекунанд.

Варзиш. Соли 1964 Комитети байналмилалии олимпӣ Комитети олимпии А.-ро эътироф кард. Аз ҳамон сол варзишгарони А. дар бозиҳои олимпӣ ва мусобиқаҳои байналхалқӣ иштирок мекунанд. Намудҳои маъмули варзиши А.: варзиши сабук, бокс, гимнастика, футбол, баскетбол, гӯштин.

Маориф. Соли 1976 тамоми муассисаҳои таълимии А. миллӣ кунонида шуданд. Таҳсил дар мактаби ибтидоӣ аз 6-солагӣ сар шуда, таълим аз с. 1980 дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва бахшҳои гуманитарии мактабҳои олӣ пурра ба забони арабӣ мегузарад. Дар мактабҳои А. таҳсил ройгон буда, системаи ягонаи таълим ҷорӣ карда шудааст. Забонҳои франсавӣ ва англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ омӯхта мешаванд. Таҳсил дар мактаби миёна ё литсей 9 сол, коллечи маълумоти умумӣ 4 сол, литсейҳои техникӣ ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ 3 сол аст. Барои тайёр намудани коргарони баландихтисос (аз 17-сола боло) марказҳои таълимии касбӣ ташкил карда шудаанд. Муассисаҳои калонтарини таълимии олӣ: донишгоҳҳои Алҷазира, Вуҳрон, Қустантин, Донишгоҳи илму техникаи ба номи Ҳ. Бумедйени ш. Алҷазира, Мактаби олии миллии политехникии Алҷазира, Ин-ти металлургияи кӯҳӣ дар ш. Анноба, Ин-ти миллии саноати сабук дар Бумардос, Ин-ти нефту газ дар Алҷазира ва ғ. Дар А. умуман 170 муассисаи таҳсилоти олӣ, 700 маркази маълумоти касбию техникӣ мавҷуд аст.

Илм. Аввалин муассисаҳои илмӣ дар А. дар ох. а. 19 – авв. а. 20 ташкил шуданд: Расадхона дар Бу-Зарея (1892), Донишгоҳи Пастери Алҷазира (1910), Маркази тадқиқотӣ-илмии соҳаи ҷангалпарварӣ (1911) ва ғ. Аз с. 1971 марказҳои асосии пажӯҳишҳои илмӣ дар назди Донишгоҳи Алҷазира муттаҳид карда шуданд. Аксарияти муассисаҳои илмӣ дар ш. Алҷазира воқеъ гардидаанд: Ин-ти тадқиқоти ядроӣ, Ин-ти уқёнусшиносӣ, Ин-ти иқтисодиёт, Ин-ти китобхона ва бойгонӣ, Ин-ти астрофизика ва ҳавошиносӣ, Ин-ти биохимия, Ин-ти ҷомеашиносӣ, Ин-ти равоншиносӣ ва илмҳои педагогӣ. Ин-ти миллии агрономии ш. Алҷазира ба ҳалли масъалаҳои байторӣ, технологияи шароб, мубориза бар зидди малах машғул аст. Маркази зидди бемории саратон, ин-ти Пастер (масъалаҳои беҳдошт, рамад ва офталмологияи тропикӣ, дандонпизишкӣ) ва даҳҳо марказҳои тадқиқотии дигар дар соҳаҳои гуногуни тиб тадқиқот ме-

баранд. Калонтарин китобхона А. – Китобхонаи миллии ш. Алҷазира. Осорхонаҳои асосӣ: Осорхонаи миллии Алҷазира (1930), Осорхонаи миллии атиқа (1897), Осорхонаи мардумшиносии ш. Алҷазира (1928), Осорхонаи инқилоб дар Ал-Бияр. Дар назди Донишгоҳи ш. Алҷазира Инти тадқиқоти китобхона ва бойгонӣ мавҷуд аст.

Адабиёт. Адабиёти А. ба забонҳои арабӣ, барбарӣ ва франсавӣ эҷод мешавад. Адабиёт ба забони арабӣ аз а. 9 ба вуҷуд омада, то а. 19 дар равияи адабиёти асрҳои миёна давом намудааст. Адабиёти А. минбаъд дар давраи муборизаи зидди таҷовузи Испания (ибт. а. 16) ва зидди ҳукмронии Туркия (дар а-ҳои 16 – 18) ташаккул ёфтааст. Адабиёти А. дар а. 19 ҷараёни ташаккули миллати А.-ро инъикос мекард. Дар а. 19 шоир ва арбоби сиёсӣ амир Абдулқодир Алҷазира асарҳои фалсафӣ-динӣ таълиф намудааст. Дар а. 20 маорифпарварон Абдуляқзон Башир Вироҳимӣ, Лабӣ ат-Тбиссӣ, Мулуд ал-Ҳафизӣ ва дигарон ба арсаи адабиёт омаданд. Ҳаҷвияи зидди мустамликадорони Франсия ба вуҷуд омад. Махсусан асарҳои драмавӣ ба лаҳҷаи алҷазоирии забони арабӣ муваффақият пайдо карданд. Рашид Ксантинӣ ва Бахтарзӣ Муҳиддин дар пйеса ва мазҳакаҳо, Аҳмад Ашур, Шариф ал-Ҳусайн, Зуҳур Ванис ва дигарон дар новеллаҳои худ мавҳумоту хурофоти ирқӣ-насабӣ ва зулми мустамликадоронро фош мекарданд. Соли 1930 шоир М. Закария Суруди миллии А.-ро навишт. Аҳмад Ризо-Ҳуҳу «Духтари маккӣ» (1947) ном романро ба ҳимояи ҳуқуқи зан бахшидааст. Муборизаи қаҳрамононаи халқ барои ояндаи худ мавзӯи асосии драмаҳои Мустафо Ал-Ашраф ва Абдуллоҳи Нақлӣ мебошад. Адабиёти франсавизабони А. с-ҳои 1940 – 50 (назм, наср, драма) ташаккул ёфт. Ҷараёни бедории миллӣ дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъди он дар асарҳои нависандагон Жан Амруш – «Таронаҳои барбарии Қабилия» (1939), романи тарҷумаиҳолии М. Таос «Сунбули сиёҳ» (1947), Айд Ҷаъфар – «Таронаи арабҳои бенавои Қасба», Муҳаммад Диб – асари сегонаи «Алҷазоир» (1952 – 57), Аллега – «Истинтоқ ба воситаи шиканҷа» (1958) ва «Ҷанговарон дар асорат» (1961) инъикос ёфтааст. Адабиёти А. пас аз истиқлолият (1962) ба марҳалаи нав қадам гузошт. Нависандагони маъруфи ох. а. 20 А. инҳоянд: Ёсин Котиб, Мулуд Маммирӣ, Асия Ҷаббор, Малик Ҳаддод, Мурод Бурбун, Муҳаммад Диб, Р. Буҷор, Х. Тенгур, Р. Бей, Х. Скиф, Н. Ҳоҷӣ, Б. Абдуӣ ва дигарон Романи рамзии «Наҷма» (1956)-и К. Ясин – яке аз ситорагони насри муосири А.-ро дурдонаи адабиёти Мағриб меҳисобанд. Романҳои «Гузаргоҳ»-и Кашмирӣ (1982), «Имтиҳони муҳаббат»-и Ваттар (1989), асарҳои насри реалистии с-ҳои 80 а. 20 А. мебошанд. Шоирони машҳури имрӯзаи А.: Ас-Саиҳӣ, А. Саадала, А. Хаммор, А. Бенхедуга мебошанд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Дар сарзамини А. суратҳои дар рӯйи харсангҳо кашидашудаи ҳайвонот, одамон, манзараҳои шикор ва маросимҳои мазҳабӣ кашф гардидаанд, ки ба давраи неолит тааллуқ доранд. Дар ноҳияҳои наздисоҳилӣ осори шаҳрҳои замони финикиҳо, римиҳо ва византиҳо боқӣ мондааст. Шаҳри Алҷазира а. 10 ва Тилимсон а-ҳои 12 – 13 бунёд гардида, нақшаву нигоришҳои онҳо ба меъмории Марокаш ва Андалусия (ҷан. Испания) монандӣ доранд: биноҳо бо дасти устоҳои моҳир кандакорӣ, ҳаккокӣ ва бо тахтасангҳои лочвардранг рӯкаш карда шудаанд. Аз осори а-ҳои 16 – 18 дар А. ва Қустантин қасрҳо ва кохҳои пуршукӯҳи ҳокимони турк боқӣ мондаанд. Дар куҳандизҳо хонаҳои кӯҳнаи шаҳрҳо (аксар 2 – 3-ошёна) аз чор тараф бо девор иҳота шудаанд. Хонаҳои деҳот аз гилу хишти хом сохта шуда, бомҳояшон суфашакланд. Аз с. 1930 дар Алҷазира, Вуҳрон, Анноба ва дигар шаҳрҳо биноҳои бисёрошёнаи истиқоматӣ, маъмурӣ, тиҷоратӣ, кӯшку кохҳои боҳашамат сохта мешаванд. Санъати амалии а-ҳои 19 – 20 дар А. мисли санъати амалии асрҳои миёна аз маснуоти филизӣ, матоъҳои сернақшунигор, қолин, гулдӯзӣ, ашёи мунаққаши сафолин ва чармин иборат аст. Санъати тасвирии а-ҳои 19 – 20 ва ибт. а. 21 А.-ро асарҳои рассомони франсавӣ ташкил додаанд. Солҳои 20 – 30 а. 20 рассомони алҷазоирӣ бародарон Муҳаммад ва Умар Расим, Тамом Ронам ба майдон омаданд. Аз нимаи дуюми а. 20 то ин дам рассомони реалист Ҳ. Бенанбур, Б. Йеллес, И. Самсом; дар услуби мавҳум Ш. Меслӣ, М. Ҳадда машғули эҷоданд.

Мусиқӣ. Мусиқии А. дар робитаи наздик бо мусиқии кишварҳои Мағриб инкишоф ёфтааст. Он аз сурудҳои дастаҷамъии барбариҳо сарчашма мегирад, ки мавриди сурудан асбобҳои мусиқии халқҳои Африкаи Шимолиро истифода мебурданд. Баъди истилои арабҳо дар мусиқии А. созҳои арабӣ пайдо шуданд. Соли 1920 дар ш. Алҷазира ва с. 1932 дар Вуҳрон Консерваторияи мусиқӣ ва суханварӣ ташкил карда шуд. Мусиқии А. оҳангсозони Ғарбро (аз ҷумла Бартокро) ба худ ҷалб кардааст. Мусиқинавозони машҳуртарини А. – муаллифи асари мусиқии симфонӣ Ҳаким Бенатия, оҳангсоз ва сарояндаи сурудҳои анъанавӣ Ҳоҷӣ Муҳаммад Ал-Анка мебошанд.

Кино. Кинематографияи А. аз филмҳои хроникавии мустанади дар дастаҳои партизании Фронти миллии озодихоҳӣ ба навор гирифташуда асос мегиранд. Соли 1957 дар А. таҳти роҳбарии кинематографисти франсавӣ Р. Вотйе мактаби нави кино ташкил шуд, ки хатмкардагони аввалини он Муаммар Затунӣ, Усмон Мерабету, Алӣ Ҷенауӣ ва дигарон буданд. Бо дастгирии идораи кинои Ҳукумати муваққатии инқилобӣ филмҳои ҳунарии «Алҷазоир дар оташ» (1957, реж. Р. Вотйе), «Ясмина» (реж. Д. Шандерли ва Л. Ҳамина), «Овози халқ» (реж. Л. Ҳамина, 1961) ба навор гирифта шуданд. Баъди эълони Истиқлолият дар А. Маркази миллии кинематография (1964 – 67), Хадамоти кинои мустанад (1963 – 74), Маркази тиҷорати кино ва саноати кино (1967 – 85) ва ғ. ташкил шуданд. Солҳои 1962 – 72 мавзӯи муборизаҳои зиддимустамликавӣ дар кинои А. бештар эътибор доштанд: «Ин хел дунёи ҷавон» (1963 – 65, реж. Шарби), «Ҷаҳаннам дар 10 сол» (1969, гурӯҳи режиссёрон), «Субҳидами малъунҳо», «Афюн ва чӯбдаста» (1968 – 70, А. Рашидӣ), «Шаб аз офтоб мерамад» (1965, М. Бадиа), «Роҳ» (1968, С. Рияд). Наворҳои Ҳамина «Боди Аурес» (1965, ҷоизаи кинофестивали байналмилалии Канн, 1966), «Декабр» (1972), «Хроникаи солҳои оташбор» (1974, ҷоизаи асосии ҳамин кинофестивал, 1975) ва дигар асарҳояш сазовори ҷоизаҳои гуногуни байналхалқӣ гардидаанд. Солҳои 80 а. 20 кинематографияи А. аз жанри эпикӣ ба камеравӣ (мавзӯъҳои этнографӣ, дорои хусусиятҳои миллӣ ва ғ.) гузашт (Тимсоли охирин»-и Ҳамина, 1982). Ҷараёни нави «Ас-синамо-алҷадид» инъикосгари эҳёи тамоюлҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буд ва филмҳои «Фарёди санг» (1988, реж. А. Бугермук), «Қалъа» (1988, реж. М. Шуик), «Гули биёбон» (1990, реж. Б. Рашид)-ро истеҳсол кард; солҳои охир кинои А. ба жанри мазҳака рӯ овард: «Салом, бародарзода» (1994, реж.

Алауш), «Боб-ул-Уэд-Сити» (1996, ҳамин реж.). Ташкилоти Кинои миллии Алҷазоир дар байни кишварҳои Мағриб бузургтарин аст. Аз с. 1986 ин ҷониб дар ш. Аннаба фестивали «Рӯзҳои кинои «Баҳри Миёназамин» гузаронида мешавад.

Матбуот, радио ва телевизион. Матбуоти пешқадами А. дар миёнаи с-ҳои 30 а. 20 ба вуҷуд омадааст. «Ал-Муҷоҳид» (маҷаллаи ҳафтавор ба забони арабӣ) машҳуртарин нашрия аст. «Аш-Шаъаб», Агентии расмии иттилоотии ҶХДА с. 1962 ташкил ёфтааст, ҳоло «Algerie Press Servise» аст. Боз 5 агентии иттилоотии дигар дорад. Ширкати давлатии радио ва телевизиони А. аз с. 1962 (барномаҳояш ба забонҳои арабӣ ва франсавӣ) фаъолият дорад. Дар А. 3 пойгоҳи радио (ба забонҳои арабӣ, қабилӣ, франсавӣ) кор мекунанд.

Ад.: Алжир. Справочник. М., 1997; История Алжира, XX век, М., 1999; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005, Страны мира: современный справочник, М., 2008. *М. Маҳмудов.*

АЛҶАЗИРА́, шаҳр, пойтахти Алҷазоир. Маркази асосии маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат. Дар соҳили ғарбии халиҷи Алҷазира, дар домана ва байни талу теппаҳо (дар соҳили Баҳри Миёназамин) воқеъ аст. Аҳолиаш 1,7 млн нафар (бо агломератсияи атрофаш – 3,9 млн нафар – 2009), асосан арабҳо (83%), барбариҳо (16%) ва европавиҳо (1%). Дини асосии давлатӣ – ислом. А. дар а. 10 аз тарафи барбариҳо дар ҷойи харобаи бандари финикии Эй-Кози (а. 9 то м.) бино ёфтааст. Дар а. 11 яке аз марказҳои бандари баҳрӣ буд. Солҳои 1516 – 1830 – пойтахти давлат дар ҳайати Империяи Усмонӣ. А.-ро франсавиён с. 1830 забт карда, ба маркази маъмурии мустамликаи худ табдил доданд. Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) А. қароргоҳи Фармондеҳии иттифоқчиён дар Баҳри Миёназамин, дар давраи инқилоби миллӣ-демократии Алҷазоир (1954 – 62) яке аз марказҳои ҳаракати



Қисми соҳилии Алҷазира.

озодихоҳӣ буд. Аз с. 1962 пойтахти Республикаи Халқии Демократии Алҷазоир.

А. бандари бузури соҳили Баҳри Миёназамин буда, узели р. о. ва роҳҳои автомобилгард, аэропорти байналхалқӣ, метрополитен дорад. Дар А. саноати мошинсозӣ (мошинҳои хоҷагии қишлоқ, васли автомашина) ва коркарди металл мавқеи асосӣ дорад. Корхонаҳои коркарди нефт, истеҳсоли семент, чарму пойафзор, саноати химия, хӯрокворӣ, нассоҷӣ, коғазу селлюлоза бештар тараққӣ кардааст. А. дорои донишгоҳ, боғи ботаникӣ, мактаби олии савдо, ин-ти кишоварзӣ, музейҳои миллии осори атиқа ва саноеи нафиса, музейи таърихи ибтидоӣ ва этнография (кӯшки Бордо), китобхонаи миллӣ, театри миллӣ мебошад. Манораҳои мӯҳташаму ёдгориҳои меъмории А.: Масҷиди калон (1096) бо манора (1323), Оромгоҳи (дахмаи) Сидӣ Абдурраҳмон (1611), масҷидҳои Ҷомеъ-ул-Кабир (а. 11) ва Ҷомеъ-ул-Ҷадид (1660), Қалъаи Қасбо, Маъбади масеҳии Модархудои Африка, Майдони Азиятмандон, ки ба шарафи қаҳрамонони ҷанг баҳри истиқлолияти Алҷазоир (1954 – 62) номгузорӣ шудааст.

«АЛ-ЭЗО́Ҳ», маҷаллаи ҳафтавори сиёсию иҷтимоӣ, ки ҷамъияти уламои ислом с. 1917 дар Тошкент ба табъ мерасонд. «А.» давомдиҳандаи кори маҷаллаи иртиҷоии тотории «Дин ва маишат» буд, ки он вақт ҳамагӣ 18 шумора нашр гардид.

АЛЮМИ́НИЙ (Aluminium, аз Alumen – замч ё зок), Al, элементи химиявии гурӯҳи III ҷадвали даврии Менделеев; рақами тартибиаш 13, массаи ат. 26, 9815. Дар табиат асосан дар шакли як изотопи собити ^{27}Al вомехӯрад. Чанд изотопи радиоактив дорад, ки ба таври сунъӣ ҳосил карда шудаанд. Дарозумртарин изотопаш ^{26}Al мебошад (давраи нимкоҳишаш $7{,}4 \cdot 10^5$ сол). А. металли сафеди нуқрагун буда, ҷараёни барқро хуб мегузаронад; ҳарор. гудозишаш 60,4°С, ҳарор. ҷӯшишаш 2500°С, зичиаш 2700 кг/м^3 (дар 20°С). А.-и холисро бори аввал с. 1825 олими даниягӣ Г. Эрстед ҳосил намудааст. Дар табиат дар шакли холис вуҷуд надорад. А. дар шакли пайваст 8,8 фоизи массаи қишри заминро ташкил медиҳад. Пайвастҳои муҳими табиии А. (алюмосиликатҳо) каолин, албит, анортит, ортоклаз, биотит, мусковит, корунд (оксиди алюминий) ва бокситҳо мебошанд. Калонтарин конҳои А. дар Венгрия, Франсия, Италия, ШМА ва давлатҳои узви ИДМ мавҷуданд. Дар Тоҷикистон захираҳои А. дар шакли бокситҳо дар Ромит, Қаратоғ, дар шакли сиёнит дар кӯҳистони Рашт дида мешаванд. Сиёнитҳои нефелинии дараи Ясмандро метавон ҳамчун ашёи хом барои истеҳсоли А. истифода бурд. Дар саноат, аз ҷумла дар корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи Тоҷик» (ТАЛКО) А.-ро аз электролизи оксиди алюминий (Al_2O_3), ки номи техникиаш «гилхок» аст, дар гудохтаи криолит (Na_3AlF_6) таҳти қарор. 950°С ҳосил менамоянд. А. металли хеле фаъол мебошад. Аз ин сабаб ба воситаи оксигени ҳаво оксид ва бо пардаи муҳофизи оксиди алюминий пӯшида мешавад. Пардаи оксидӣ А.-ро аз занг задан ва таъсири моддаҳои гуногун, мас., буғи об ва оксиди карбони атмосфера ҳифз мекунад. Дар пайвастҳояш А. асосан севалента мебошад. Агар пардаи оксидӣ нест гардад, А. обро бо ихроҷи гидроген таҷзия менамояд. Пайвастҳои гидрогении А. – гидридҳо фаъол буда, дар синтези химиявӣ истифода мешаванд. А. ҳамчун элементи амфотер (дубаҳра) бо кислотаҳо ва ишқорҳо ба реаксия медарояд. А. дар кислотаҳои сероб (мас., кислотаи гидрогенхлорид) хуб ҳал мешавад. Пардаи муҳофизи оксидӣ намегузорад, ки А. дар кислотаҳои оксигендор, мас., кислотаи нитрат ҳал гардад. А. дар ишқорҳо ҳал шуда, алюминатҳоро ба вуҷуд меоварад. Дар раванди алюминотермия А. як силсила металлҳо ва ғайриметаллҳоро аз таркиби оксидҳояшон бо тавлиди гармии зиёд (то 3500°С) хориҷ месозад.

Пайвастҳои А. дар саноат ва кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд. Миқдори зиёди А. барои истеҳсоли хӯлаҳо истифода мегардад. Дуралюмин (94% Al, 4% Cu, 0,5% Mg, 05% Mn, 0,5% Fe, 0,5% Si) ва силумин (85 – 90% Al, 10 – 14% I, 0,1% Na) хӯлаҳои муҳимтарини А. мебошанд. А. ва хулаҳои онро барои истеҳсоли самолёт, ракета, киштӣ, дастгоҳҳои истеҳсолоти химия, сими барқ, конденсаторҳо, радио ва телевизион, асбобҳои рӯзгор, дару тиреза ва ғ. ба кор мебаранд. Варақаҳои нафиси А. дар саноати хӯрокворӣ ва доруворӣ ҳамчун борҷома истифода мегардад. Хокаи оксиди алюминий («алюмогел») намкаш буда, барои беоб сохтани газҳо ва соф кардани маҳлули қанд истифода мешавад. Сулфати А.-ро барои тоза кардани об кор мефармоянд. Замчҳои

А. дар даббоғии чарм ва ранг кардани матоъҳо ба кор мераванд. Ба воситаи фосфиди А. (AlP) дар анборҳои хӯрокворӣ мушу калламушҳоро нест мекунанд. Карбиди А. (Al_4C_3) обро бо тавлиди гази метан таҷзия менамояд. Аз иловаи миқдори муайяни А. пӯлод дар муқобили ҳарорати баланд устувор мегардад. А. дар таркиби алюмосиликатҳо аз ҷумлаи унсурҳои тавлидкунандаи хок мебошад. А. дар бофта ва маҳлули байни ҳуҷайраҳои растанӣ ва ҳайвонот низ мавҷуд аст. Дар хок ва ҷисми инсон бо ионҳои фосфат пайвастҳое ҳосил мекунад, ки чандон ҳал намешаванд, мас., вариазит $A1(OH)_2H_2PO_4$, ки раванди азхудкунии фосфорро халалдор месозад. Одам бо хӯрок рӯзе 40 мг А.-ро истеъмол менамояд. Дар Ин-ти химияи АИ ҶТ оид ба тавлиди А.-и холис ва хӯлаҳои он тадқиқот мебаранд.

Ад.: Популярная библиотека химических элементов, М., 1983; Шретер В., Химия, М., 1989; Идрисов Т., Кимиёи аносир (элементҳо), Д., 2004. *Т. Идрисов.*

«АЛЮМИНИЙИ ТОҶИКИСТО́Н», нашрияи маъмурият ва иттифоқи касабаи КВД «Ширкати алюминийи тоҷик». Аз 9 июли 1976 ҳафтае як маротиба ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ дар ҳаҷми 12 саҳ. ба табъ мерасад. Дар саҳифаҳои «А. Т.» қонуну қарорҳои Ҳукумати ҶТ, ки ба КВД «Ширкати алюминийи тоҷик» марбутанд, оид ба рафти кор дар сеҳҳои коргоҳ, тарзи зиндагӣ ва истироҳати коргарон, муваффақиятҳои истеҳсолии коргарони ширкат, навигариҳои соҳаи истеҳсоли алюминий дар хориҷи кишвар, ҳаёти ҷумҳурӣ ва вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯза самтҳои фаъолияти давлати тоҷикон ва ғ. мавод ба табъ мерасад. Дар саҳифаи охири «А. Т.» барои тамрини зеҳнӣ сканворду кроссворд, маводи шавқовар, инчунин эълонҳо чоп мешаванд. Дар дохили «А. Т.» ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ замимаи «Паёми иттиҳод – Вестник профсоюза» нашр мешавад, ки дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъият ва фаъолияти иттифоқи касаба хабару мақолаҳо ба табъ мерасонад. Адади нашри «А. Т.» 3000 нусха (2010).

АЛЮМИНИТ, вебстерити сунъӣ, минерал, сулфати обии алюминий аз гурӯҳи алюминитҳо. Сингонияаш моноклинӣ. Рангаш аз сафед то зардчаи сафед. Ҷилояш шишагуни хира. Канораҳояш шаффоф ё ношаффоф. Сахтиаш – 1, зичиаш 1700 кг/м^3. Шикасташ ноҳамвори хокӣ. Дар кислотаҳо ҳал мешавад. А. дар натичаи таъсири обҳои дар таркибашон кислотаи сулфат дошта (H_2SO_4) ба моддаи гилдор ба вуҷуд меояд. Конҳои А. дар Германия, Чехия, Франсия, Британияи Кабир ва Покистон мавҷуд аст.

АЛЮМОСИЛИКАТҲО́, гурӯҳи минералҳои тавлидкунандаи ҷинсҳои кӯҳӣ ва хок. Пайвастҳои мураккаби алюминий ва силитсий, ки дар таркибашон катионҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқоризаминӣ доранд. Аз нигоҳи химиявӣ намакҳои комплексии кислотаҳои полисилитсий мебошанд. А. дар табиат фаровонанд. Ба А. шпатҳои даштӣ, абракҳо, минералҳои гилӣ ва ғ. тааллуқ доранд. Шпатҳои даштӣ дар кулолӣ, истеҳсоли шиша ва маҳсулоти сафолӣ, дар тавлиди семент ва бо мақсади ороишӣ истифода мешаванд. Абракҳо диэлектрикканд ва дар техника, радиосозӣ, авиатсия ба кор мераванд. Минералҳои гилӣ дар саноати тавлиди зарфҳои оташбардор, хишт ва ҳамчун адсорбент истифода мегарданд. Албит $Na[AlSi_3O_8]$, анортит $Ca[Al_2Si_2O_8]$, ортоклаз $K[AlSi_3O_8]$ аз ҷумлаи А. мебошанд. А.-и натрий ва калий барои ширеш кардани коғаз ва ранг намудани матоъ истифода мешаванд.

Ад.: Шретер В., Химия, М., 1989; Идрисов Т., Кимиёи аносир, Д., 2004. *Т. Идрисов.*

АЛЯ́СКА (Alaska), 1) нимҷазира дар шим. ғарбии Америкаи Шимолӣ, дар қисми ҷанубу ғарбии штати Аляскаи ШМА. Байни халиҷи Бристоли Баҳри Беринг ва Укёнуси Ором ҷойгир аст. Тӯлаш 764 км, бараш аз 10 то 70 км. Асосан аз қ.-кӯҳи Алеут иборат буда, дар қуллаҳояш вулқонҳои амалкунанда (вулқони Катмай – 2047 м) ва хомӯшшуда (вулқонҳои Вениаминов – 2507 м ва Павлов – 2714 м) воқеанд. Ландшафташ тундраи кӯҳӣ; пиряхҳояш начандон калон (бузургтаринаш пиряхи Хаббард). Соҳилҳои шим. ғарбиаш (халиҷи Бристол) паст буда, кӯлҳои сершумор дорад; мавзеъ бо марғзори субарктикӣ пӯшида шудааст. 2) Сарзамин, аз ҷиҳати масоҳат – калонтарин штати (аз 1959) ШМА. Масоҳ. умумиаш 1717854 км^2, аз ин 1484347 км^2 – хушкӣ, 236507 км^2 – ҳудуди обӣ. Аҳолиаш наздики 700 ҳазор нафар (2007), асосан сафедпӯстон, бештар (75%) хизматчиёни базаҳои ҳарбӣ-баҳрии ШМА; сокинони маҳаллӣ – ҳиндуён, алеутҳо, эскимосҳо, атапаскҳо, хайда, русҳо ва ғ. – 88 ҳазор нафар. Аҳолӣ мӯътақиди католитсизм, православие, ҷараёнҳои пресвитерӣ, баптистӣ ва методистӣ мебошад. Қисми камтарини ҳудуди А.-ро 15 баро (воҳиди ҳудудию маъмурии маҳаллӣ) ва як мунитсипалитет ишғол кардаанд, паҳноҳои боқимондаи кишвар хеле камаҳолист. Аз ин рӯ, онҳоро «бароҳои номуташаккил» ё «минтақаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ» (Bethel Census Area) меноманд. Маркази маъмурии штати А. – ш. Анкориҷ. Шаҳрҳои калонаш: Кетчикан, Ҷуно, Ситка, Фэрбенкс. Қисми шим. ва марказии А. аз ҳамворӣ ва паҳнкӯҳҳо (то 1200 м) иборат аст. Иқлимаш сарди континентӣ. Ҳарор. миёнаи янв. – 24,8°С, июл 15,7°С. Боришоти солона – 300 мм. Растаниҳояш тундравӣ, бешаҳояш тунук мерӯянд. Д-ҳои калонаш: Юкон, Конвилл. Қисми ҷанубӣ ва ҷан. шарқии А.-ро кӯҳҳои баланд (кӯҳи Маккинли, 6193 м) фаро гирифтаанд. Иқлими ин минтақа мӯътадили намнок. Ҳарор. миёнаи янв. – 1,6°С, июл 13,3°С, боришоти солона 1500 – 4000 мм. А.-ро дар нимаи авв. а. 18 сайёҳони рус кашф кардаанд. Солҳои 1799 – 1867 А. бо ҷаз-ҳояш таҳти тасарруфи Компанияи русию америкоӣ буд ва онро «Америкаи русӣ» меномиданд. Соли 1867 Александри II барои пардохтани қарзи давлатӣ ва аз сабаби он, ки Россия қудрати азхудкунӣ ва махсусан ҳифзи ин гӯшаи дурдасти империяашро надошт, А.-ро (бо ҳудуди 1 млн 519 ҳазор км^2) ба қимати 7,2 млн доллар ба ШМА фурӯхт. Дар А. саноати моҳидорӣ, мӯина, гавазнпарварӣ, чӯббурӣ, коғазу селлюлоза, истихроҷи нефту газ, ангишт, истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ (мис, тилло, қалъагӣ, руҳ, симоб, хромит) ривоҷ ёфтааст. Дар ҳудуди А. бисёр аэродромҳо, базаҳои ҳарбии баҳрии ШМА мавҷуданд.

АЛЯ́СКА, халиҷи Аляска (Gulf of Alaska), халиҷи кушоди Укёнуси Ором дар назди соҳилҳои Америкаи Шимолӣ, байни нимҷаз. Аляска ва ҷаз. Ванкувер. Масоҳ. 384 ҳазор км^2, чуқурии миёнааш 1193 м, амиқтаринаш – 4929 м. Дар А. ҷаз. Кадйак, галаҷазираҳои Александр, Малика Шарлота ва ғ. воқеанд. Ҳарор. қабати болоии об (рӯи об) дар тобистон 11 – 14°С, зимистон 3 – 6°С, на-



Манзараи табиати Аляска.

макнокиаш 32,0 – 32,5%. Маддаш нимшабонарӯзӣ ва ҳархела, баландиаш то 12 м мерасад. Сюард (дар Аляска) ва Принс-Руперт (дар Канада) бандарҳои калонтарини халиҷ мебошанд. А.-ро с. 1741 Экспедитсияи дуюми Камчатка (таҳти роҳбарии А. И. Чириков ва В. Беринг) кашф кардааст. Географи рус Ф. П. Литке с. 1840 дар ҷаз. Баранови ин халиҷ нахустин дар Уқёнуси Ором расадхонаи баҳрӣ кушод. Дар А. моҳӣ сайд мекунанд.

АЛЯСКИ́Т, ҷинси магмавӣ аз гранитҳо. Таркибаш асосан аз шпатҳои даштии ишқорӣ, кварс ва албит иборат мебошад. Сохташ дона-дона, баъзан порфиршакл. Рангаш сурхи ҷигарӣ, гулобӣ, сафедча,. Бори аввал дар нимҷаз. Аляска ёфт шуда, ҳамин номро гирифтааст. Дар кӯҳҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон вомехӯрад. А. чун масолеҳи бинокорӣ ва навъҳои хушранги он барои кошинкорӣ ба кор мераванд.

АМА́Д, 1) чӯбҳои баҳамбаста, ки барои гузаштан аз дарё ба кор мебаранд. Ҳамчун воситаи нақлиёти обӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҳоло ҳам истифода мекунанд. 2) Навъи чӯбронӣ, ғӯлачӯбҳои ба ҳам зич пайваста. Одатан А.-ро киштиҳо кашола мекунанд, баъзан бо ҷараёни об меронанд. А.- и дарёӣ ва кӯлиро ба шакли чоркунҷа мепайванданд, ки ҳаҷмаш то ба 27 ҳазор м^3 ва аз ин зиёд мешавад. 3) Навъе аз воситаҳои наҷотдиҳии одамон дар киштиҳо ҳангоми рӯй додани фалокат ва садама.



Амад барои аз дарё гузаштан.

АМАДУ́ Жоржи (10. 8. 1912 – 6. 8. 2001), нависандаи Бразилия, узви Академияи адабии Бразилия (1961). Намояндаи насли нависандагоне, ки онҳоро мӯъҷизакорони Америкаи Лотинӣ меноманд. Чун ходими фаъоли ҷамъиятӣ маъруф буд. Барои иштирок дар муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ ба ҳабс гирифта шуда, якчанд сол берун аз кишвараш дар муҳоҷират зиндагӣ кардааст (дар Франсия, Чехословакия). Ба кори эҷодӣ аз 14-солагӣ шурӯъ, намуд. Дар романҳои нахустинаш «Кишвари карнавалҳо» (1932), «Жубиаба» (1935), «Баҳри мурда» (1936), «Капитанҳои регзор» (1937) аз зиндагӣ ва рӯзгори мардуми нодору камбизоат сухан меравад. Соли 1942 романи тарҷумаиҳолиаш «Ҳаёти Луис Карлос Престес» ба табъ расид. Аз с. 1952 А. пурра ба эҷоди осори адабӣ-бадеӣ пардохт. Ин даврai эҷодиёти ӯро муҳаққиқон рӯ овардан ба «реализми сеҳрнок» номидаанд. Маҳсули ин давра романҳои «Габриэла, гул ва дорчин» (1958), «Дона Флор ва ду шавҳари ӯ» (1966), «Хазинаи мӯъҷизаҳо» (1963), «Муҳосира» (1984), повестҳои «Баҳрнавардони куҳан» (1961), «Рӯҳониёни шаб» (1964) ва ғ. мебошанд. А. бо истифода аз унсурҳои эҷодиёти даҳанакии халқ, тахайюлоти бадеӣ тарзҳои хоси табиати озодидӯстии халқашро ифода кардааст. Китобҳои А. ба 50 забони гуногуни дунё тарҷума шудаанд. А. узви Шӯрои Умумиҷахонии Сулҳ буд ва ба Ҷоизаи байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» мушарраф гардидааст.

Ад.: Ж. Амаду: Биобиблиографический указатель, М., 1965.

АМАЗОНИ́Т, санги амазонӣ (аз номи д. *Амазонка*), навъи нилгун ё сабзранги микроклин. Формулаи химиявиаш (K,Na) $AlSi_3O_8$. Дар таркибаш баъзан омехтаи оҳан, манган, сурб, рубидий, сезий ва ғ. дорад. Аз ҷумлаи албитҳои пертитии таркибаш сафед ва зардча буда, якранг нест. Дар пегматитҳо ва гранитҳо вомехӯрад. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 6 – 6,5. Зичиаш 2550 – 2580 кг/м^3. Кристаллҳои хушранги А.-ро дар заргарӣ истифода мебаранд. Марҷон ва тӯморҳои аз А. тайёр кардашуда ҳанӯз дар Мисри Қадим истифода мешуданд. Конҳои пегматит ва гранитҳои А. дар Россия, Украина, Қазоқистон, Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, воқеанд. А.-ҳои сабзу осмонирангро аз санги хоро ва пегматитҳои Помири Ғарбӣ, Помири Шарқӣ, қ-кӯҳҳои Ҳисору Қаротегин истихроҷ кардан мумкин аст.

АМАЗО́НКА (Amazonas), дарё дар Америкаи Ҷанубӣ. Аз ҷиҳати пуробӣ ва андозаи ҳавза (718 ҳазор км^2) калонтарин дарёи олам мебошад. А. дар натиҷаи як шудани д-ҳои Маранон (дарозӣ аз саргаҳ 6,4 ҳазор км) ва Укаяли (зиёда аз 7 ҳазор км) ба вуҷуд омада, номи А.-ро гирифтааст. Қисми зиёди дарё (60 фоизи ҳавзааш) то ҷойи



Амазонити нилгун.

ҳамроҳшавӣ бо шохоби Риу-Негру аз ҳудуди Бразилия мегузарад ва онро мардумони ин ҷо Солимойнс меноманд. Аз ҳудудҳои Боливия, Перу, Эквадор ва Колумбия низ ҷорӣ мешавад ва ба Уқёнуси Атлантик мерезад. 350 км то расидан ба уқёнус делтаи бузургеро ташкил мекунад (сатҳаш наздики 100 ҳазор км^2). А. бештар аз 500 шохоб дорад. Шохобҳои калонтаринаш (1500 – 3500 км) аз рост – Укаяли, Мадейра, Журуа, Тапажос, Пурус, Токантинс, Шингу; аз чап – Иса, Япура, Риу-Негру, Напо. Манбаи асосиаш борон. Шохобҳои ҷанубиаш аз окт. то апр., шимолиаш аз апр. то окт. обхез мешаванд. Мавсими обхезиҳои калон – май, июл дар шохобҳои рости А. сатҳи об то 10 – 15 м баланд мешавад. Сарфи баландтарини солонаи оби А. 300 ҳазор м^3/с ва бештар (дар моҳи май – июн), пасттарини он на бештар аз 80 ҳазор м^3/с (дар моҳи авг. – сент.) ва сарфи миёнаи об дар ҷараёни поёнӣ қариб 175 ҳазор м^3/с аст. Резиши миёнаи солонаи А. 5520 км^3. Мадди уқёнус ба мачрои А. дохил гашта, бо ғулғула то 1400 км пеш меравад ва дар ин вақт баландии мавҷ дар тунукобаҳои ҷараёни поёнӣ то ба 4 – 5 м мерасад, ки онро ба шеваи ҳиндуёни маҳаллӣ «амазуну» (вайронкунандаи заврақҳо) мегӯянд. Ба ақидаи қисме аз олимони географ номи дарё аз ҳамин калима гирифта шудааст. А. аз резишгоҳ ба масофаи 4300 км (то ш. Икитоси Перу) киштигард аст, то ш. Манаус (Бразилия) киштиҳои уқёнусӣ мегарданд. А. кӯпрук надорад. Бузургтарин дар ҷаҳон системаи роҳҳои обии дохили кишвар дар ин ҷо буда, 25 ҳазор км тӯл кашидаанд. Бандарҳои бузургаш: Икитос (Перу), Манаус, Обидус, Сантарен (Бразилия), Белен (Пара). А. ва шохобҳояш то 2000 намуди моҳӣ (аз ҷумла скафирингус, ки дар А., д.-и Янезии Хитой ва д. Вахши Тоҷикистон дида мешавад) дорад. Дар А. ҳамчунин пираньяи даранда,

арапайма (ки то 4 м дарозӣ дорад), суфрамоҳӣ, мори обӣ – анаконда, делфинҳои дарёӣ ва тимсоҳ вуҷуд доранд. Олами наботот ва ҳайвоноти ҳавзаи А. хеле бой аст.

АМАЗО́НКА, Амазония (исп. cuenca del Amazonas, португалӣ bacia do rio Amazonas), калонтарин пастии рӯи Замин дар Америкаи Ҷанубӣ, ки беш аз 5 млн км^2 масоҳат дорад. Байни паҳнкӯҳҳои Гвиана ва Бразил, дар ҳавзаи д. Амазонка воқеъ гашта, аз кӯҳҳои Анд то Уқёнуси Атлантик ба масофаи 3200 км тӯл кашидааст. Синеклизаи (қишр) платформаи Америкаи Ҷанубӣ аз таҳнишастҳои баҳрии палеозой ва континентии мезозой ва кайнозой пур гашта, А.-ро ба вуҷуд овардааст. А.-ро ба ду тақсим мекунанд – А.-и Ғарбӣ ва А.-и Шарқӣ. А.-и Ғарбӣ васеъ (то 1600 км) ва А.-и Шарқӣ танг (то 500 км) аст. Иқлимаш дар А.-и Ғарбӣ экватории сернам, дар А.-и Шарқӣ субэкваторӣ. Боришоти солона 1500 – 3000 мм. Ҳарор. миёнаи моҳона 24 – 28°С. Фаслҳои сол қариб иваз намешаванд. Пастии А. бо бешаҳои ҳамешасабзи экваторӣ ва субэкваторӣ пӯшида аст. Дар Ғ.-и он навъҳои гуногуни нахл, гевея, дарахти чӯбаш сурхи махогани, какао мерӯянд. Дар бешаҳо маймунҳо, мӯрчахӯр, коҳилак, тапир, гурози америкоӣ, парандаҳои гуногун, хазандаҳо, обхокиҳо (ҳамчунин мори обӣ – анаконда), ҳашарот (бештар мӯрча) зиндагӣ доранд. Дар Ш.-и А. асосан дарахтони баргрез рӯида, ландшафт аз бешаҳои камдарахт ва саваннаҳо иборат аст, бештар ҳайвоноти хоси мавзеъҳои кушод – оҳувон (мазамҳо), мӯрчахӯри мутавассит, хояндаҳо ва термитҳо вомехӯранд. Дарёҳояш аз моҳӣ бой мебошанд. А. камаҳолӣ ва макони қабилаҳои гуногуни ҳиндуҳои америкоии узлатӣ (дур аз чашми оламиён) мебошад. Роҳи асосии нақлиёт шоҳроҳи мошингарди Трансамазония ва дигар роҳҳо обӣ буда, қад-қади дарёҳо маҳалҳои хурди аҳолинишин ва се шаҳри калон: Манаус (дар соҳили д. Риу-Негру), Белен (д. Пара), Икитос (соҳили чапи саргаҳи д. Амазонка) ҷойгиранд. Конҳои манган, маъдани оҳан ва дар поёноби Мадейра кони нефт ёфт шудаанд. Тибқи банаворгирии кайҳонии А. дар даҳсолаҳои охир олимон 70 фоиз кам гаштани ҷангалзорро мушоҳида намудаанд. Буридани дарахтон (соле дар ҳудуди 60 ҳазор км^2) ба таносуби экологии бешаҳои тропикии А. таъсири манфӣ расонда, боиси нест шудани на танҳо намудҳои зиёди дарахтон, балки наботот ва ҳайвоноти нодир низ гардидааст. А. пеш аз ин макони қариб сеяки тамоми организмҳои зиндаи (аз ҷумла ҳашароту набототи) кураи Замин буд. А.-ро шуши Замин меҳисобанд, чунки қариб нисфи оксигени олам ин ҷо тавлид мешавад (дар натиҷаи фотосинтез). Ҳоло бо мақсади ҳифзи табиат ҳудудҳои бузургро боғҳои миллӣ эълон кардаанд.



Водии д. Амазонка.

АМАЗО́НКАҲО, занони ҷанговар дар асотири Юнони Қадим. А. маънои «саворазан»-ро низ дорад. Бино ба ривоятҳои қадим А. дар Осиёи Хурд ва соҳили Меотида (Баҳри Азов) зиста, бо мақсади давом додани наслашон аз мардони қабилаҳои дигар шавҳар мекарданд ва шавҳари худро ба қабилааш пас мегардониданд. Пас аз таваллуди фарзанд писаронро ба падарони онҳо дода, духтаронро бо худ нигоҳ медоштанд ва ба онҳо санъати муҳорибаро ёд медоданд. А. ҳамчун занони соҳибҷамол шӯҳрат ёфтаанд. Нақлу ривоятҳо дар бораи А. дар тамоми ҷаҳон, алалхусус байни ҳалқҳои ҳиндуи Бразилия, машҳуранд. Ин ривоятҳо ёдгории давраи модаршоҳианд.

АМА́Л, дар ҳуқуқ фаъолият, кору кирдор, феъл. А. кардан дар соҳаи муносибатҳои граждани мавқеи муайяну мушаххас дорад. Иштирокдорони муносибатҳои граждани ҷиҳати дар муносибат будан бояд бо хоҳишу ризоияти тарафайн мувофиқу мутобиқи талаботи қонун фаъолият намоянд. Бе А.-и субъектҳо муносибат ба миён намеояд. А. воқеияти юридикӣ-ҳуқуқист ва яке аз объектҳои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои граждани мебошад (моддаи 154 КГҶТ).

«АМА́Л», шакли оҳангиест, ки пеш аз қисмати тарона ва оҳанг иҷро мешавад. Дар «А.» иштироки «*Миёнхона*» ва «*Бозгӯй*» ҳатмист ва дар ин ҳол онро «Савт-ул-амал» мегӯянд. Хусусияти дигари «А.» ин мебошад, ки ба он ҳар гуна «Усул»-ро бастан мумкин аст. Он усул бояд ба зарбу вазни «А.» мувофиқат кунад. Агар дар ҷараёни таснифи «А.» «Усул»-ҳои гуногун эҷод шаванд, дар истилоҳи мусиқӣ онро «Кор ба усул» мегӯянд. «Усул»-е, ки ба «Бозгӯй»-и «А.» эҷод мешавад, «Усули гардон» ном дорад. Аз замонҳои қадим оҳангсозон, ҳофизон ва машшоқони форсу тоҷик ба ин шакли оҳангӣ асарҳои бисёре эҷод намудаанд. «А.» дар «Дувоздаҳмақом» ва «Шашмақом» мавқеи калон дорад. Аз ҷумла «Амали Тарона», «Амали Гесӯ», «Амали Бӯстон», «Амали Гулистон», «Амали Хористон» (таснифи *Абдулқодири Гӯянда*) машҳуранд.

Ад.: Ражабов И., Мақом масаласига доир, Ташкент, 1963; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Раҷабов.

АМАЛГАМА́ТСИЯ дар металлургия, усули аз маъдани реза ё рег бо ёрии симоб ҷудо карда гирифтани металлҳои асил (тилло, нуқра, платина ва ғ.). Ҳангоми маъданро бо симоб тар кардан металл ба симоб мечаспад ва амалгама ҳосил мешавад. Бо чунин тарз металлҳоро аз ҷинсҳои бегона ва рег ҷудо мекунанд. Баъди тафсондани амалгама симоб буғ шуда, металл боқӣ мемонад. А.-ро барои аз нав кор кардани партови металлҳои сабук, бо усули электрикӣ ҳосил кардани металлҳои нодир ва ғ. низ истифода мебаранд.

АМАЛИ ҚОНӮН, мафҳуме, ки ҳудуди зарурати қонунро дар замон, макон ва нисбат ба доираи муайяни шахсиятҳо муайян менамояд. Нисбати ин ё он қонун ба тавассути қарорҳои мушаххас ё санадҳои махсус татбиқ карда мешавад.

А. қ. дар замон аз лаҳзаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани қонуни мазкур то давраи қатъи амали он дар назар аст. Ҳамчун қоидаи умумӣ, қонун дар ҳама ҷо аз лаҳзае қудрат пайдо мекунад, ки дар худи қонун зикр шуда бошад. Агар чунин мӯҳлат дар худи қонун пешбинӣ нашуда бошад, пас вай дар муддати муайяне, ки мақоми расмӣ онро интишор кардааст, қудрат пайдо мекунад. Дар раванди татбиқи А. қ. дар замон қоидаи «Қонун қувваи бозгашт надорад» хеле муҳим аст. Ин қоида фақат ба ҳамон муносибатҳое дахл мекунад, ки баъди эътибори расмӣ гирифтани қонун пайдо мешаванд.

А. қ. дар макон аз рӯи ҳудудҳои таҳти таъсири ин мақоми қонунгузор (ҳудуди хушкӣ, обӣ ва фазои ҳавоии дохили сарҳади давлатӣ, бойгарии зеризаминии ин давлат, ҳудуди сафоратхонаҳо дар мамолики дигар,

киштиҳои ҳарбию тиҷоратӣ дар баҳри кушод) қарордошта муқаррар мешавад.

А. қ. нисбат ба ашхос дар доираи он мақомот, ташкилотҳо ва шаҳрвандоне муайяну муқаррар мешавад, ки онҳо ӯҳдадоранд қонуни мавриди назарро риоя ва иҷро намоянд. Ҳамчун қоидаи асосӣ риояи қонун барои тамоми ашхоси дар ҳудуди ҳамон давлат бошанда, бо вуҷуди баъзе истисноҳо, ки дар қонун ишора шудаанд, воҷиб ва фарз аст.

АМАЛИЁТ, дар психология кирдору рафтори ҳадафманди фаъолияти инсонӣ, ки дар асоси мароми муайян танзим мешавад ва барои ба даст даровардани мақсади муайян нигаронида шудааст. Мафҳуми А.-ро чун воҳиди фаъолият А. Н. Леонтев ҷорӣ кардааст. Барои ба охир расондани фаъолиятҳои мураккаб якчанд А.-ро иҷро кардан зарур аст. А. бар хилофи фаъолият дорои мароми мустақил набуда, ба мароми он фаъолияте итоат мекунад, ки ба таркиби он дохил мешавад. Мустақилияти А. дар он ифода меёбад, ки худи ҳамон як А. дар таркиби фаъолиятҳои гуногун дида мешавад. Вобаста аз пайдоиш ду намуди А.-ро ҷудо мекунанд: мувофиқшавӣ (хӯгирӣ) ва бошуурона. А.-ҳои мувофиқшавӣ ба дараҷаи баланди таассур тааллуқ доранд ва дар сохтори фаъолият аз ҷиҳати зина пасттарин мебошанд. Онҳо дар раванди тақлиди беихтиёрона пайдо мешаванд (мас., мутобиқшавии кӯдак ба муҳити забонӣ, ки дар натиҷаи он шаклҳои мухталифи грамматикӣ ҳазм ва барои робитаи забонӣ истифода мешаванд). А.-ҳои мувофиқшавӣ бо се нишона тавсиф меёбанд: аз рӯи тарзи танзим беихтиёранд; аз рӯи дараҷаи инъикос аз ибтидо қобили дарк нестанд; аз рӯи суръати инкишофи гузариш карахту кунданд. А.-ҳои бошуурона натиҷаи ҳаракатҳои худ ба худ пайдошаванда мебошанд. Дар натиҷаи якчанд маротиба такрор ёфтани ягон ҳаракат (мас., ҳангоми омӯзондани рондани мошин ё хатнависӣ) мазмуни он барои субъект даркшаванда буда, дар сохтори ҳаракати мураккабтар ҷойи шарти иҷрои онро ишғол менамояд. Дар натиҷаи тағйир ёфтани ҷойи ҳадаф дар сохтори ҳаракат, дигаргуншавии ҳадаф ҳангоми ҳаракати беихтиёр баамаломада ин ҳаракат ба ҳаракати бошуурона табдил меёбад. Нишонаҳои асосии А.-ҳои бошуурона: аз рӯи тарзи танзим ба майли худ назоратшавандаанд; аз рӯи дараҷаи инъикос дуюмбора даркнашавандаанд (вале ҳангоми рӯй додани мушкилот дар рафти баамалбарории онҳо метавонанд қобили дарк бошанд); аз рӯи суръати инкишофи гузариш гиро ва бесуботанд. Вобаста ба ҳодисаҳои психикие, ки дар тарзи А. бартарӣ пайдо мекунанд, А.-ҳои зерин фарқ карда мешаванд: ҳиссӣ, ҳаракатӣ, иродавӣ, фикрӣ, бахотиргирӣ.

Субъекти А. унсури ибтидоии сохтори А.-и иҷтимоӣ буда, метавонад фардӣ ва коллективӣ, ягона ва бисёр бошад. Субъектҳо вобаста ба муносибати худ ба А.-и шурӯъшуда ва дараҷаи иштироки субъект дар он ба се дараҷа ҷудо мешаванд. Ҷамъият, гурӯҳи калони иҷтимоӣ, миллат ва насл объектҳои дараҷаи сеюм мебошанд. Давлат, ташкилот ва гурӯҳи хурд объектҳои дараҷаи дуюманд. Фард объекти дараҷаи якум аст. Воҳиди А. ҳаракати ҷудогона мебошад. А.-ҳои ҷудогона дар як занҷир мутта ҳид шуда, рӯз ба рӯз такрор ёфта, фаъолиятро ташкил медиҳанд. А. воҳиди фаъолият аст. А. ва фаъолият танҳо ба одам хос мебошанд. Рафтор маҷмӯи ҳаракатҳо, амал (кор) ва А.-и одам мебошад, ки онҳоро одамони дигар мушоҳида карда метавонанд. Фаъолият дар тафовут аз рафтор метавонад ботинӣ ва зоҳирӣ бошад. Рафтор ҳамеша шакли зоҳирии зуҳуроти фаъолият, фаъолияти бевосита мушоҳидашаванда аст. Назарияи классикии А.-и иҷтимоиро, ки ба ташаккули сотсиологияи ҷаҳонӣ таъсир расонд, ох. а. 19 – авв. а. 20 М. Вебер бунёд гузошт. Ба ақидаи ӯ меъёрҳои асосии А.-и иҷтимоӣ: а) далелнокӣ, б) майл ба дигарон мебошанд. Майли бошуронаи субъекти А.-ро ба амали дигар иштирокдорон нисбат ба рафтори ӯ М. Вебер бо ёрии мафҳуми «интизорӣ» муайян намудааст. Зимнан Вебер эътироф кардааст, ки байни тамоюли бошуурона ва бешууронаи фард ба рафтори одамон танҳо аз ҷиҳати назариявӣ сарҳади аниқ гузоштан мумкин аст.

Илми ахлоқ ба сифати А.-и фардии мустақил, одатан, рафтореро баррасӣ менамояд, ки он ба натиҷаи муайяну намоёни ҷамъиятӣ меоварад, дорои арзиши ахлоқии мусбат ва манфӣ мебошад. Рафторҳое, ки табиати сирф физиологӣ доранд, рафторҳои ахлоқӣ нестанд. А. рафтори иҷтимоие мебошад, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дорад (ёрӣ расондан, иҷрои ваъда, корнамоии меҳнатӣ, фиреб, дуздӣ, хиёнат). Маҳз ҷиҳати иҷтимоӣ ва аҳамияти А. мазмуни онро ифода мекунад, ки он бо талаботи ахлоқӣ муайян ва арзёбӣ мегардад. Рафторҳое, ки барои иҷрояшон инсон масъул нест, А.-и ахлоқӣ намебошанд; рафторҳои беихтиёр амалигашта (мас., дар ҳолати гипноз, бехудӣ, хурдсолӣ) ва таҳти таъсири қувваҳои ҷисмонӣ баамаломада. Гоҳо чунин пиндошта мешавад, ки инсон барои рафтори дар ҳолати маҷбурӣ, зери хавфи марг ба ҷо овардааш масъул нест. Вале баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки инсон бояд баҳри манфиати ҷамъият худро қурбон кунад ва маргро аз вайрон кардани қарзи ҷамъиятии худ афзалтар шуморад. Дар А. лаҳзаҳои зерин бояд ба эътибор гирифта шаванд: мақсад, ки барои амалишавӣ А. ба он тобеъ аст; истифодаи васоити мавҷуда; ҷиҳати иродавӣ (маром) ва бартарафсозии монеаҳо, иктисоби ҳамон як натиҷае, ки бо табиати худи А. пешбинӣ шудааст; ниҳоят, натиҷа (оқибат), ки А. дар натиҷаи ҳамкориаш бо шароити беруна ба он оварда мерасонад.

Ад.: Вебер М., Основные социологические понятия, М., 1990; Парсонс Т., О структуре социального действия, М., 2002.

АМАЛИЁТИ МУДОФИАВӢ, ниг. *Мудофиа.*

АМАЛИЁТИ МУРОФИАВӢ, ниг. *Мурофиа.*

АМАЛИЁТИ ТАФТИШОТӢ, дар ҳуқуқ ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ тааллуқдошта. Онҳо танҳо бо манбаъҳои маълумотие собит карда мешаванд, ки аз қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбиникарда гирифта шудаанд. Муқаррар намудани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ тааллуқдошта дар раванди исботкунӣ дар натиҷаи доир намудани А. т. имконпазир мегардад. А. т. ҳаракатҳои мурофиавии муфаттишанд (шахси таҳқиқбаранда) ва ба воситаи он ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта муқаррар карда мешаванд. Мақсади ниҳоии А. т. дар он зоҳир мегардад, ки муфаттиш ба воситаи ин омил далелҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро ошкор мекунад, ба қайд мегирад ва санҷида баҳо медиҳад. Далелҳои бо риоя намудани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бадастомада, ба муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда имкон медиҳанд, ки дар асоси онҳо шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашад. А. т.-ро танҳо он муфаттишоне мегузаронанд, ки парвандаи ҷиноятӣ ба истеҳсолоти онҳо супорида шудааст. Қисме аз А. т. бо супориши муфаттиш аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқ гузаронда меша-

вад. Вобаста аз ҳолатҳои мушаххаси парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш ҷой ва вақти гузарондани А. т.-ро муқаррар мекунад. Дар баробари ин баъзе А. т. бо супориши прокурор ё бо хоҳиши ҷабрдида, айбдоршаванда низ доир карда мешаванд. Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар баъзе мавридҳо муфаттиш ва шахси таҳқиқбарандаро вазифадор менамояд, ки бархе аз А. т.-ро ҳатман гузаронанд. Масалан, дар моддаи 72 КМҶ ҶТ таъкид шудааст, ки муфаттиш дар мавридҳои зарурӣ барои муқаррар кардани сабаби марг, аҳволи рӯҳии айбдоршаванда ё гумонбаршуда, аҳволи рӯҳӣ ё ҷисмонии шоҳид ё ҷабрдида ҳатман экспертиза таъйин кунад. Аз рӯи қоидаи умумӣ муфаттиш, одатан, метавонад дар ҳуҷраи кории худ ва ҷойи дигар низ А. т. гузаронад. Ҷойи гузарондани А. т. аз ҳолатҳои мушаххаси парванда вобаста аст. Масалан, муфаттиш гумонбар ва айбдоршавандаеро, ки дар озодӣ аст, хуб мебуд дар ҳуҷраи кориаш пурсад. Айбдоршавандае, ки дар ҳабс бошад, дар ҳабсхона пурсида мешавад. Аз назар гузарондани ҳуҷҷатҳо, ашё, далелҳои шайъие, ки дар раванди гузарондани А. т. (кофтуков, ёфта гирифтан) ба даст омадаанд, дар ҳуҷраи кории муфаттиш сурат гирифта, протокол тартиб дода мешавад. Қонуни мурофиавӣ муқаррар кардааст, ки мавриди гузарондани баъзе А. т. пешакӣ қарор тартиб дода тасдиқ карда шавад ва натиҷаи чунин А. т. дар протоколҳо дарҷ гардад. Дар раванди гузарондани А. т. муфаттиш бояд аз воситаҳои илмию техникӣ – сурат гирифтан, ба навор гирифтан, сабти овоз истифода барад. Ҳамаи онҳо дар протоколҳо зикр карда мешаванд. *З. Искандаров.*

АМАЛИЁТИ ТЕХНОЛОГӢ, қисми *раванди технологӣ*, ки коргар ва ё гурӯҳи коргарон дар як коргоҳ, дар шароити истеҳсолоти автоматӣ бошад, бе иштироки коргарон ё таҳти назорати онҳо иҷро мекунанд. А. т. автоматӣ, нимавтоматӣ, мошинӣ, мошиниву дастӣ мешавад. А. т. бо тағйирнопазирии объекти истеҳсолот ва таҷҳизот ифода меёбад. А. т. барои муайян кардани ҳосилнокӣ ва банақшагирии кори таҷҳизот, истифода намудани афзору асбоб, назорати сифат ва мӯҳлати иҷроиши кор, инчунин барои меъёрбандии техникаи меҳнат воҳиди асосии ҳисобу китоб ба шумор меравад. Дар шароити истеҳсолоти автоматонидашуда А. т. қисми анҷомёфтаи раванди технологиест, ки муттасил дар хати автоматии иборат аз якчанд дастгоҳи бо олоти нақлиётию таҳвилӣ бо ҳам пайвастшуда иҷро карда мешавад.

АМАЛИЁТИ ҲАРБӢ, маҷмӯи зарбаҳо, задухӯрдҳо, муҳорибаҳои аз рӯйи мақсад, вақт, макон ба ҳам мувофиқ ва алоқаманд, ки иттиҳодияи як ё якчанд намуди қувваҳои мусаллаҳ аз рӯйи ҳадафу нақшаи ягона барои ҳалли вазифаҳои фаврӣ ё стратегӣ мегузаронанд. Нишонаҳои аввалини А. ҳ. дар муҳорибаҳои ох. а. 18. – авв. а. 19 пайдо шуданд; мафҳуми А. ҳ. аз ҷиҳати назария ва амалия авв. а. 20 шакл гирифт. Миёнаи с-ҳои 30 а. 20 дар Қуввaҳои Мусаллаҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ назарияи А. ҳ.-и ҳуҷуми амиқ кор карда шуд, ки дар он анбӯҳи танкҳо, авиатсия, артиллерия ва десанти ҳавоӣ истифода мешавад. Дар замони ҳозира А. ҳ.-и қӯшунҳои хушкигард, баҳрӣ, ҳавоӣ ва десанти ҳавоӣ мавҷуданд. А. ҳ. вобаста ба ҳадаф ҳуҷумӣ ё мудофиавӣ, вобаста ба вақт фаврӣ ё пай дар пай мешавад. Вобаста ба ҳайати қӯшунҳои иштироккунанда (қувваҳои флот) А. ҳ. стратегӣ, ҷабҳавӣ (гурӯҳи артишҳо), флотӣ, артишӣ, флотилиявӣ мешавад. Вазифа ва мазмуни А. ҳ. ба мақсадҳои ҳарбию сиёсии тарафҳои ҷангкунанда дар минтақаи муҳориба, ҳайати қувваҳои иштироккунанда, шароити мушаххаси вазъи фаврию стратегӣ, хусусияти амалиёти душман ва қӯшуни худӣ, инчунин шароити маҳал вобаста аст. Дар вусъати А. ҳ.-и ҳуҷумӣ дурии хати ҳуҷум, давомнокии амалиёт, паҳнои минтақаи ҳуҷум ва суръати ҳаракати қӯшун, дар А. ҳ.-и мудофиавӣ бошад, паҳнои хати мудофиа, чуқурии истеҳкоми мудофиавӣ ва давомоти амалиёт нишондиҳандаҳои асосианд. Тайёр намудан ва гузарондани А. ҳ. мавзӯи стратегия ва санъати фаврӣ мебошад.

АМАЛИЯ́, фаъолияти моддӣ, ҳиссию ашёӣ ва мақсадноки инсон, ки ҳадафаш дарк намудану тағйир додани объектҳои табиию иҷтимоӣ буда, асоси муштараку қуввои ҳаракатдиҳандаи инкишофи ҷамъият ва маърифати инсонӣ мебошад. А. ҷиҳату дараҷаҳои гуногун дорад. Он ба маънои васеаш ҳамаи навъҳои фаъолияти ҳиссию ашёии инсонро мефаҳмонад. Шаклҳои асосии фаъолияти амалии одамон истеҳсоли неъматҳои моддӣ (меҳнат) ва фаъолияти иҷтимоии дигаргунсозандаи револютсионии омма барои тағйир додани муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар зери мафҳуми А., пеш аз ҳама, фаъолияти муштараки инсоният, таҷрибаи он дар ҷараёни инкишофи таърихиаш фаҳмида мешавад. Фаъ олияти амалӣ чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати тарзи зоҳиршавиаш хусусияти ҷамъиятӣ дорад. А.-и муосир натиҷаи таърихи умумиҷаҳонист, ки робитаи гуногуни беохири мутақобилаи одамон ва муносибати онҳоро бо табиат дар ҷараёни истеҳсолоти моддиву маънавӣ ифода мекунад. А.-и ҷамъиятӣ бо фаъолияти маърифатии инсон ва назария умумият дорад. Он сарчашмаи маърифати илмӣ ва муҳаррики он мебошад. А. субъекти фаъолияти маърифатиро ташаккул дода, сохту мазмун ва самти тафаккури онро муайян мекунад. А. объективӣ будани мазмуни донишро асоснок мекунад ва меъёри асосии фаҳмидани дурустии ҷараёни дониш мебошад: «Нуқтаи назари ҳаёт» ва амалия бояд нуқтаи назари аввалин ва асоси назарияи дониш бошад» (В. И. Ленин). Танҳо ҳамон натиҷаҳои дониш, ки дар амалия борҳо собит шудаанд, аҳамияти объективӣ пайдо мекунанд. Донишҳои илмӣ танҳо ҳамон вақт маънои ҳаётӣ мегиранд, ки дар амал татбиқ мешаванд. Мақсади ниҳоии маърифат худи дониш набуда, дигаргунсозии амалии воқеият барои қонеъ кардани талаботи моддию маънавии фарду ҷамъият аст.

Фаъолияти амалии одамон ва муносибати онҳо ба маърифат дар таърихи фалсафа борҳо баррасӣ шудаанд. Дар фалсафаи томарксистӣ, ки материализм муносибати муроқибавӣ ба олам дошт, дар соҳаи маърифат асосан идеализм ривоҷ меёфт. Он фаъолияту эҷодкориро танҳо дар рӯҳ маҳдуд сохт. Мас., ба ақидаи Гегел А. «фаъолияти иродавии идея» ба шумор мерафт. Идеалистони субъективӣ дар зери мафҳуми А. фаъолияти аз рӯи иродаю ҳадс суратёфтаро мефаҳмиданд. Камбудии асосии фаҳмиши идеалистии А. мутлақгардонии метафизикии лаҳзаҳои ғоявию рӯҳии фаъолияти ҳиссию амалӣ мебошад. Хизмати бузурги марксизм дар он аст, ки аввалин бор А.-ро ба назарияи маърифат ҷорӣ кард. Азбаски фаъолияти амалӣ хусусияти даркшавандагӣ дорад, ибтидои рӯҳӣ лаҳзаи зарурии он мебошад. Таълимоте, ки фаъолияти моддию амалӣ ва рӯҳию назариро аз ҳам ҷудо мекунад, барои материализми диалектикӣ бегона аст. Байни ин навъҳои фаъолият ягонагии ногусастанӣ вуҷуд дорад. Вале ин маънои онро надорад, ки фаъолияти рӯҳӣ шакли А. аст. Фаъолияти амалӣ бо ёрии воситаҳои моддӣ сурат гирифта, маҳсулоти моддиро ба вуҷуд

меоварад, фаъолияти рӯҳӣ бошад, ба воситаи образу мафҳумҳо ақидаву ғояҳоро ба вуҷуд меоварад. Назария ва А. ваҳдати тазодҳоест, ки А. дар он мақоми ҳалкунанда дорад.

АМАЛҲО́И МАНТИҚӢ, амалҳое, ки бо шаклҳои тафаккур, функсияҳои мантиқӣ ва ададҳо (одатан дар системаи ҳисоби дуӣ) гузаронда мешаванд. А. м. аз рӯи муносибаташон ба шаклҳои тафаккур ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд:

а) А. м. б о м а ф ҳ у м ҳ о; ба воситаи онҳо аз як, ду ва якчанд мафҳум мафҳуми нав ҳосил мешавад. Умдатарин навъҳои А. м. бо мафҳумҳо: таъмим ва таҳлид, таърифу тақсим ва инкори мафҳуму амалҳо. Дар т а ъ м и м и мафҳуми аз мафҳуми ҳаҷман хурд мафҳуми ҳаҷман васеъ ҳосил мешавад. Дар натиҷа мафҳум нисбатан каммазмун, лекин ҳаҷман васеъ мегардад. Мас., таъмими мафҳуми «давлати ҳуқуқбунёд» мафҳуми «давлат» аст ва он аз ҷиҳати ҳаҷм васеъ бошад ҳам, аз ҷиҳати мазмун ғанӣ нест. Т а ҳ л и д акси таъмим аст. Т а ъ р и ф амали мантиқиест, ки барои возеҳ намудани мазмуни мафҳум ё тасҳеҳи истилоҳот истифода мешавад. Таъриф имконият медиҳад, ки ашёи дар мафҳум инъикос шуда аз ашёи ба онҳо монанд фарқ кунонда шавад ё худ маънои калимаву ибора муқаррар гардад. Ҳаргуна таъриф ба саволи «ин чист?» посух медиҳад. Сохти амали таърифро мафҳумҳои таърифшаванда (dfd) ва таърифкунанда (dfn) ташкил медиҳанд. Т а қ с и м амалест, ки ба воситаи он ҳаҷми мафҳум ошкор мегардад. Сохти амали тақсимро мафҳумҳои тақсимпазир, узвҳои тақсим ва асоси тақсим ташкил медиҳанд. Нишонае, ки аз рӯи он мафҳуми тақсимпазир ба узвҳо ҷудо мешавад, асоси тақсим аст. Мас., мафҳуми «давлат»-ро аз рӯи нишонаи дар дасти кадом синф будани ҳокимияти сиёсӣ ва кадом муносибати истеҳсолиро ҳимоя кардан ба давлатҳои ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ ва сотсиалистӣ ҷудо кардан раво бувад. Навъи дигари А. м.-е, ки объекти онҳоро ду ва ё зиёда мафҳумҳо ташкил медиҳанд, амалҳо бо гурӯҳҳо (ҳаҷми мафҳум) мебошанд. Амалҳои ҷамъ, зарб (буриш), тарҳ (фарқ) ва илова ба гурӯҳ аз ҷумлаи онҳоанд. Ҷ а м ъ и ду гурӯҳ – А ва В гурӯҳи сеюм – С-ро меноманд, ки унсурҳои он ақаллан ба яке аз гурӯҳҳои А ё В тааллуқ доранд. Амали ҷамъро ин тавр ифода мекунанд: AUB Wx (A(x)), V B(x), дар ин ҷо C: Wx (A(x) V B(x)). З а р б и ду гурӯҳ – А ва В гурӯҳ сеюм – С-ро меноманд, ки унсурҳои онро фақат унсурҳои муштараки гурӯҳҳои А ва В ташкил мекунанд. Мас., A∩B ≡ Wx (A(x) ∧ B(x)), дар ин ҷо C:Wx ∧ (A(x) B(x)). Нисбат ба амалҳои ҷамъ ва зарб қонунҳои идемпотентӣ (AUA = A ва A∩A = A), коммутативӣ (A∩B = B∩A ва AUB = BUA), ассосиативӣ (AUB)UC = (AUC)U(BUC) ва (A∩B) ∩C = (A∩C)U(B∩C), дистрибутивӣ (AUD)∩C = (A∩C)U(B∩C) ва (A∩B) UC = (AUC)∩(BUC) ва фӯрубарӣ (AU (A∩B)) = A, A∩(AUB) = A ҷой доранд. Ф а р қ и ду гурӯҳ – А ва В маҷмӯи чунин унсурҳои гурӯҳи сеюм – А-ро меноманд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба гурӯҳи В тааллуқ надоранд. Мас., A\B ≡ Wx (A(x) \ B(x)). Илова ба гурӯҳи А гурӯҳи ғайри – А ё А'-ро меноманд, ки дар натиҷаи муттаҳид кардани вай бо гурӯҳи А соҳаи универсалии I ҳосил мешавад. Мас., AU A'=I, ё I ∩ A'= A.

б) А. м. бо гуфторҳо; ба воситаи онҳо аз як, ду ва зиёда гуфторҳо гуфтори нав ҳосил мешавад. Чунин амалҳо асоси мантиқи гуфторҳо ва предикаторҳоро ташкил медиҳанд. Агар дар мантиқи гуфторҳо А. м.-и конюнксия (∧), дизюнксия (∨), импликатсия (→), инкор (¬) ва эквивалетнокӣ (~) ҷой дошта бошанд, пас дар мантиқи предикатҳо бар замми онҳо с у р ҳ о (кванторҳо) низ илова мешаванд. Одатан, А. м.-ро дар мантиқи муосир аз рӯи қиматҳои ҳукмҳои таркибӣ («ҳақ» ё «дурӯғ») ба воситаи ҷадвали ҳаққоният муайян мекунанд. Баъзан А. м. бо ёрии постулатҳо (аксиомаҳои мантиқӣ ва қоидаҳои натиҷагирӣ) низ ифода меёбанд. Аз нимаи дуюми а. 20 сар карда дар натиҷаи истеҳсол ва истифодаи мошинҳои ҳисоббарории рақамӣ имконияти иҷро намудани аксарияти А. м. бо ёрии мошинҳо ва компютерҳо пайдо шуд, ки ин, бешубҳа, барои такмили минбаъдаи сохти онҳо шароит фароҳам хоҳад овард.

Ад.: К и р и л л о в В. И., С т а р ч е н к о А. А., Логика, М., 2002; И в л е в Ю. В., Логика, М., 2004; Г е т м а н о в а А. Д., Логика, М., 2006.

Н. Сайфуллоев.

АМАРА́ВАТӢ, шаҳр дар штати Маҳараштраи Ҳиндустон, дар соҳили рости д. Кришна. Аҳолиаш 434 ҳазор нафар (2010). А. бо ёдгориҳои меъмориаш машҳур буда, туризм ва истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ манбаъҳои асосии даромадаш мебошад. А. яке аз марказҳои буддоияи аҳди қадим буда, дар ҳудуди он осори меъмории давраи давлатдории Сатаваханҳо (махсусан сулолаи Андҳра) боқӣ мондааст. Машҳуртаринаш ступа – мақбара-маъбади (гунбазшакл) мансуби а. 2 пеш аз м., муқаддасоти буддоиён мебошад. Нигораҳои рӯидеворii ин маъбуда, ки ба рӯзгору ҳаёти замини Буддо ва таълимоти ӯ дахл доранд, хеле ҷолибанд. Девори даврадаври он чаҳор дарвозаи ба чаҳор самти олам нигаронидашуда дошта, бо услуби хоси санъати буддоӣ (сутунҳо ва пайкари шерҳо) оро дода шудаанд. Маъбадҳои дертар биноёфта дорои барелйефҳои гуногунмазмун, аз ҷумла тасвири апсарҳо – олиҳаҳои рақсанда («раққосаҳои илоҳитабор»-и бошишгоҳи шоҳони Андҳра) мебошанд. Баъзе намунаи муҷассамаҳои А. дар осорхонаҳои Мадрас ва Британия маҳфузанд. Мактаби пайкарасозии А. ба санъати буддоии Ҳиндустони Ҷанубӣ ва Шри-Ланка таъсири амиқ расондааст.

АМБАРСУМЯ́Н Виктор Амазаспович [5 (18). 9. 1908, Тифлис – 12. 8. 1996, Бюракан], астрофизик, асосгузори мактаби астрофизикаи назариявии АИ СССР (1953), акад. ва президенти АИ Арманистон (1947), ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1968, 1978). Хатмкардаи Донишгоҳи Ленинград (1928). Солҳои 1934 – 47 проф. донишгоҳи мазкур. Ташкилотчӣ ва роҳбари кафедраи астрофизика, проф. Донишгоҳи Ереван (1947), ноиби президент (1948 – 55) ва президенти Иттиҳоди байналхалқии астрономҳо. Асосгузор (1946) ва директори Расадхонаи астрофизикии Бюракан. Таҳқиқоти муҳимаш дар соҳаи ассотсиатсияҳои ситорагӣ ва ядроҳои фаъоли галактикаҳо бахшида шудаанд. А. собит намуд, ки раванди ташаккули ситораҳо дар Кайҳони мушоҳидашаванда идома доранд. А. узви ифтихорӣ ва хориҷии АИ-ҳои якқатор давлатҳои ҷаҳон буд. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1946, 1950), Мукофоти давлатии Федератсияи Россия (1995), Медали тиллоии ба номи М. В. Ломоносов, Кэтрин Брюс ва ҷамъияти шоҳии астрономии Британия, Қаҳрамони Миллии Арманистон. Ба ифтихори А. сайёраи хурд (1905, Ambartsumyan) номгузорӣ шудааст. Соли 2010 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Арманистон Мукофоти ба номи А. дар соҳаи астрофизика таъсис дода шуд.

Ос.: А м б а р ц у м я н В. А., Научные труды, Ереван, 1960, 1988; Философские вопросы науки о вселенной, Ереван, 1973;

Ад.: А м б а р ц у м я н В. А.; Эпизоды жизни, Ереван, 2001.


ДОТ-и пулемёт

АМБРАЗУ́РА (франс. embrasure – тиркаш, равзанаи сангар), сӯрохии кушода (баъзан сарпӯшдор) дар иншооти мудофиавӣ ва манораҳои зиреҳпӯш барои оташфишонӣ аз тӯп, миномёт ва пулемёт (бар хилофи тиркаше, ки барои оташфишонӣ аз автомат, милтиқ сохта мешавад). Шакл ва андозаҳои А. ба шакли силоҳ, минтақаи оташфишонӣ, шароитҳои тирандозӣ вобаста аст.

АМБУЛАТО́РИЯ (лот. ambulatorius – бо рафтуо ичро кардан), муассисаи табобатӣ. А. ба фаъолияти нуқтаҳои фелдшерию акушерӣ ва нигаҳдории тандурустӣ назорату роҳбарӣ менамояд. Назар ба дармонгоҳ дар А. шумораи ками мутахассисон – терапевт, ҷарроҳ, педиатр, стоматолог кор мекунанд. Бемороне, ки ба намуди дигари ёрии тиббӣ мӯҳтоҷанд, ба муассисаҳои табобатии дахлдор фиристода мешаванд. Кори А. дар асоси усули тақсимоти ҳудуду маҳалҳо (аз рӯи маҳали истиқомат ва ҷойи кор) ба роҳ монда мешавад. Вазифаи коркунони А. аз пешгирии беморӣ ва умури санитарию гигиенӣ низ иборат аст. Дар Тоҷикистон А.-и аввалин с. 1886 дар маҳаллаи Миршабхонаи ш. Хуҷанд, дар ҳавлии Грудинин ном тоҷир таъсис ёфта буд, ки асосан ба занҳои маҳаллӣ кумак мерасонд. Дар он як нафар духтури зан, тарҷумон ва фелдшер кор мекард. Дар давоми зиёда аз як сол тақр. 4 ҳазор нафар занон муолиҷа гирифтанд. Дар давраи Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон адади А. хеле афзуд. А.-ҳои ҳозиразамон бо таҷҳизоти замонавӣ ва мутахассисони варзида таъмин мебошанд.

АМБӮН, ченаки асосии вазн ва масоҳати Помири Ғарбии асрҳои миёна. Дар авв. а. 19 А. дар Рӯшон баробари 4 *кафч,* ё 24 *растай,* ё 1 *вилог* (78 – 79 кг) баробар буд. Пас аз ҳамроҳ шудани Помир ба Россия, барои мутобиқгардонии ченакҳои маҳаллӣ бо русӣ ва ҷиҳати рушди савдо, А.-ро сунъӣ ба 6 *пуди* русӣ (96 – 98 кг) баробар карданд. Дар Шуғнон А. аз 96 то 144 кг қимат дошт. Баъзе муҳаққиқон А.-ро баробари 80 кг муайян кардаанд. *Х. Қаюмова.*

АМЕНЕМХЕ́Т (Аменемхат), номи сулолаи 12-и фиръавнҳои Мисри Қадим.

Аменемхети I (тақр. 2000 – 1970 то м), асосгузори сулола. Барои суст кардани мавқеи ҳокимони маҳаллӣ (номарҳҳо) мубориза бурд, ба ҷойи номарҳҳои пешина ашроф ва муқарработи содиқи худро гузошт. А. I ба Фаластин лашкар кашида, ба муқобили лубниҳо ҷангид ва дар ҷануб вил. Ваватро забт намуд. «Насиҳатнома»-и А. I ба фарзандаш Сенусерт боқӣ мондааст.

Аменемхети II (1934 – 1896 то м.), сиёсати мудохилаи иқтисодӣ ва ҳарбиро ба Куш ва Пунт (дар Африкаи Шарқӣ) давом дод.

Аменемхети III (тақр. 1849 – 1801), шоҳи Миср, сулолаи 12, писари Сенусерти III. Давраи ҳукмронии А. III-ро замони нашъунамои дуюми Миср меноманд. Дар давраи А. III сохтмони ибодатхонаҳо вусъат ёфт, дар нимҷаз. Сино истеҳсоли мис ва дар воҳа корҳои обёрӣ авҷ гирифтанд. Муаррих Страбон хабар медиҳад, ки дар замони шоҳ Ламарес (эҳтимол, замони А. III аст) дар назди Файюм бинои азиме сохта шуд, ки дар байни юнониҳо бо номи «Лабиринт» машҳур гардидааст. Матнҳои дар папирус навишташударо, ки дар Ремессеум ёфт шудаанд, эҷоди замони А.-и III донистаанд: «Қиссаи Синухет», «Деҳқони суханвар» ва ғ.


Ҳайкали нимтанаи Аменемхети III.

Аменемхети IV, тақр. с-ҳои 1801 – 1792 то м. подшоҳӣ кардааст.


АМЕНОРЕЯ (аз *a*…, юн. men – моҳ ва rheo – мешорам), беҳайзӣ, ҳайз надидан. Ҳолатест, ки зан дар муддати 6 моҳ ё аз ин ҳам бештар ҳайз намебинад. Агар духтар баъди ба балоғат расидан ё зан тамоман ҳайз надида бошад, А.-и якумин ва агар боре ҳайз дида, минбаъд тамоман ҳайз набинад, А.-и дуюмин меноманд. Дар ҳаёти зан якчанд давраҳои ҳайз надидан (то балоғат, ҳомилагӣ, бачамаконӣ, *менопауза*) вуҷуд дорад. Ин давраҳо чун ҳолати физиологии организм давом карда, баъд қатъ мегарданд (А.-и физиологӣ). А.-и патологӣ дар натиҷаи нуқсони модарзодии тухмдон, бачадон ва маҳбал, хеле суст инкишоф ёфтани узвҳои номбурда, инчунин осеб дидани ҷанин аз доруе, ки зан дар давраи ҳомилагӣ (дар авв. ва то ох. моҳи сеюми бордорӣ – дар давраи муҳими тағйири ҷанин) истеъмол мекунад, пайдо мешавад. Табобати А.-е, ки аз ин сабабҳо рӯй додааст, имконнопазир аст. А. дар натиҷаи бемориҳои ғадудҳои эндокринӣ, хусусан ғадудҳои сипаршакл, болои гурда ва гипофиз, бемории сил, камвитаминӣ, исқоти пай дар пай низ ба вуҷуд меояд.

Сабабҳои А.-ро ҳамчунин метавон ба ҷузъӣ ва умумӣ ҷудо кард. Ба сабабҳои ҷузъии А. мансубанд: вуҷуд надоштани маҳбал ва бачадон; омоси тухмдонҳо; тағйироти бебозгашти луобпардаи бачадон; кастратсияи шуоӣ ё ҷарроҳӣ. Вале бисёр вақт сабаби А. бемориҳои вазнини сироятӣ (домана, ҳасба, вабо, пневмония, уфунат ва ғ.), сили шуш, амрози гурда, тухмдонҳо, ҷигар, силсилаи дилу рагҳо, ғадудҳои усораи дохилӣ, амрози рӯҳӣ (шизофрения, психастения, саръ), заҳролудӣ (аз сурб, фосфор) ва ғ. маҳсуб мешаванд.

Муолиҷаи А. ба рафъи бемории асосӣ вобаста аст (камхунӣ, беиштиҳоӣ, диабет, бемориҳои ғадуди сипаршакл, гипофиз ва ғ.). Хусусан тадбирҳое, ки барои бо хун бехтар таъмин гаштани узвҳои коси хурд имконият медиҳанд, натиҷаи дилхоҳ ба бор меоварад. Давоҳои гормонӣ, физиотерапия ва истеъмоли витаминҳо низ муҳим аст. *М. Додхоева.*

АМЕНҲОТЕ́П, номи фиръавнҳои сулолаи 18-и Мисри Қадим.

Аменхотепи III, шоҳи Миср аз сулолаи 18, тақр. с-ҳои 1455 – 19 то м. ҳукмрон будааст. Давраи ҳукмр. А. замони ривоҷу равнақи Миср буд. Сохтмони азими Қаср дар Фив, ибодатгоҳи Амон дар Луксор ва дигар ибодатгоҳҳои ҳайкалҳои хурду бузурги дар ҳамин вақт бавуҷудомада шоҳиди болоравии иқтидори ҳарбии Миср, доман паҳн кардани сарҳади



Сари ҳайкали бузурги Аменхотепи IV.

мулк (аз болооби Фурот то остонаи 4-уми Нил), ба тобеияти Миср даромадани подшоҳони Бобул, Митан ва Кипр аз нишонаҳои тараққии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳанги ҳамин давраанд.

Аменхотепи IV (тав. 1380 то м. – ваф. номаълум), яке аз фиръавнҳои Мисри Қадим. Солҳои ҳукмр. 1365 – 48. А. IV писари Аменхотепи III буд. Дар 15-солагӣ бар тахт нишаст ва ба ӯ лақаби Неферхепрура, яъне «бехтарин офаридаи Ра» дода буданд. Ра (Офтоб) – худои олии Мисри Қадим аст. Баъд аз як соли ҳукмрониаш ба ӯ лақаби Уэнра, яъне «мутааллиқи ягонаи Ра» илова гардид. А. IV-ро дар маъхазҳо гоҳо пешгӯй ва ё ғайбдон ва гоҳо девона ҳам номидаанд. А. IV бар хилофи издивоҷи анъанавии фиръавнҳо бо *Нефертитӣ* ном зебодухтари яке аз ашрофзодаҳо хонадор шуд. А. IV с. 1359 пойтахти Мисрро 300 км дуртар аз Фив (пойтахти ҳамон давра) ба мавзеи махсусе кӯчонд ва онро Ахетатон, яъне «хонаи Атон» номид. Ҳоло он дар ҳудуди шаҳри Тел-ал-Амарна воқеъ аст. Муҳимтарин иқдоми А. IV аз он иборат аст, ки ӯ аввалин бор дар таърихи Мисри Қадим ғояи яккахудоиро ба вуҷуд овард ва худои ягонаи ӯ *Атон* (чархи Офтоб) ном дошт. Соли 1356 ӯ Атонро худои ягона эълон кард, парастиши тамоми худои маъмулии мисриёнро ғайри қонунӣ эълон кард ва парастиши *Амон* сахт таъқиб карда мешуд. Ӯ ҳамаи маъбадҳоро баст ва мӯбадонро аз кор ронд. Атон манбаи тамоми ҳаёт эълон гардид. Ӯ Атонро на танҳо худои ягонаи Миср, балки худои ягонаи ҷаҳон медонист. Ин фавқулистеъдодият ба ӯ имкон дод, ки номи худро Эхнатон, яъне «писандидаи Атон» гузорад. Дар с-ҳои ҳукмр. А. IV ҷангҳои забткорона умуман рух надодаанд. Дар ғояи парастиши яккахудоӣ маслиҳатгари ӯ модараш Тий буд; Худи А. IV аз бемории саръ азият мекашидааст. Гӯё маҳз дар вақти хурӯҷи саръ Атон ба ӯ ҳақиқатро баён мекардааст ва лақаби девона ба ӯ ба-д-ин сабаб буд.

Дар пойтахти таъсисдодаи А. IV – Ахетатон бостоншиносон суруде бо номи «мадҳияи Атон» пайдо кардаанд, ки он яке аз асарҳои бадеӣ, фалсафӣ ва динию ривоятии қадим маҳсуб мешавад. Ин суруд нисбат ба дигар сурудаҳои динии мисриёни қадим мазмуни васеъ дошта, Атон ҳамчун худои ягона на танҳо барои мисриён, балки барои ҳамаи кишварҳо маънидод мешуд. А. IV умри дароз надид ва ҷавон фавтид. Пас аз марги А. IV мӯбадоне, ки ба тавассути парастиши маъбадҳои гуногун ризқу рӯзӣ ба даст меовардану аз он маҳрум шуда буданд, ба шӯриш хеста, боз парастиши Амонро барқарор карданд ва ба шоҳи яктопараст худ лақаби девонаро ошкоро илқо карданд. Пойтахт ҳам боз ба Фив кӯчонда шуд ва Ахетатон оҳиста-оҳиста хароб гардид.

Ад.: Веркутер Ж., Древний Египет (Пер. с фр. Татьяны Земцовой), М., 2004, Геродот, История (Перевод и примечания Г. А. Стратановского), М., 2006; Комилӣ А., Аз таърихи қадимаи Шарқи Наздику Миёна, Д., 2008.

А. Комилӣ.

АМЕ́РИКА, қитъаи олам иборат аз ду материк – Америкаи Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубӣ. Гарданаи Панама сарҳади байни ин ду материк аст. Дар Нимкураи Ғарбӣ, байни Уқёнуси Атлантик ва Уқёнуси Ором воқеъ гаштааст. Ба А. калонтарин ҷаз-и олам Гренландия ва якчанд ҷаз-ҳои дигари атроф тааллуқ доранд. Масоҳ. 42,5 млн км^2. Аҳолиаш 890 млн нафар (2010). Кишварҳои байни Америкаи Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубиро Америкаи Марказӣ, ҷазираҳои воқеъ дар Уқёнуси Атлантик ва Баҳри Карибро Вест-Индия (ё Америкаи Кариб) ва мамлакатҳои байни сарҳади ҷанубии ШМА ва Антарктида воқеъгаштаро Америкаи Лотинӣ меноманд.

5 аср пеш аз кашфи расмии А. Абурайҳон *Берунӣ* дар Нимкураи Ғарбӣ мавҷуд будани хушкиро тахмин карда буд. Ба Гренландия ва соҳилҳои шим. шарқии А.-и Шимолӣ дар а-ҳои 10 – 11 норманнҳо омадаанд (нахустин кашфи ин ҷойҳо тақр. ба с-ҳои 900-ум мансуб аст). Ҷаз-ҳои Антил, қисми шимолии соҳилҳои А.-и Ҷанубӣ ва қисми ҷанубии Баҳри Кариби соҳилҳои А.-и Шимолиро с-ҳои 1492 – 1503 Христофор *Колумб* кашф кардааст. Номи ин қитъаро харитасози лотарингӣ Валдземюллер с. 1507 дар асари худ «Муқаддимаи космография» ба шарафи баҳрнаварди италиявӣ Америго *Веспуччӣ* додааст, ки ӯ бори аввал сарзамини дар Нимкураи Ғарбӣ кашфшударо қитъаи нави олам тахмин карда буд. Мувофиқи тахмини дигар А. аз номи тоҷири бристолӣ Ричард Америк, ки экспедитсияи трансатлантикии Ҷон Каботро (с. 1497, ду сол пеш аз Веспуччи ба соҳилҳои Лабрадор расидааст) маблағгузорӣ карда буд, бармеояд.

Аҳолии таҳҷоии А.-и то даврои Колумб қавму қабилаҳои гуногуни ҳиндуёни америкоӣ ва эскимосҳои маҳаллӣ буданд. Аз замони дар А. шурӯъ шудани ҳукмронии европоиҳо қисми бештари аҳолии бунӣ нобуд гардид. Аксарияти аҳолии кунунии А. авлоди европоиҳо, африкоиҳо (ғуломони аз Африка овардашуда) ва ҳиндуҳои маҳаллӣ мебошанд. Забони аксарияти аҳолии А. ба забонҳои ҳиндуевропоӣ мутааллиқ аст (испанӣ, португалӣ, франсавӣ). Дар А. асосан дини католикӣ ҳукмрон буда, адёни дигар ба ҳам даромехтаанд (мазҳабҳои протестантӣ, дини мулатҳо ва африкоиҳо). Дар А. шумораи америкоиҳо, англису канадагиҳо, мексикоию бразилиягиҳо, аргентинагиҳо, колумбиягиҳо, чилигию венесуэлагиҳо, кубагиҳо афзунтар аст. Дар қитъаи А. 50 мамлакат ҷойгир аст. Дар бораи табиат, таърих ва иқтисодиёти А.ниг. мақолаҳои *Америкаи Шимолӣ, Америкаи Ҷанубӣ.*

Мафҳуми А. маъмулан нисбати як давлати қитъа – ШМА ва барои ифодаи мансубият ба он (мас., доллари америкоӣ, сафорати Америка, тарзи зисти америкоӣ ва ғ.) истифода мешавад.

АМЕ́РИКАИ ЛОТИНӢ (исп. América Latina), номи гурӯҳи мамлакатҳое, ки дар қисми ҷанубии Америкаи Шимолӣ (якҷоя бо Америкаи Марказӣ, Вест-Индия) ва тамоми Америкаи Ҷанубӣ воқеанд. Масоҳ. умумии А. Л. 22,8 млн км^2. Аҳолиаш беш аз 500 млн нафар (2010). Зичии миёнаи аҳолӣ – 30 нафар дар 1 км^2, дар минтақаҳои сернуфус – 100 нафар дар 1 км^2. Дар ҳудуди А. Л. давлатҳои Аргентина, Багам, Барбадос, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Гаитӣ, Гайана, Гватемала, Гондурас, Гренада, Республикаи Доминикана, Колумбия, Коста-Рика, Куба, Мексика, Никарагуа, Панама, Парагвай, Перу,

Салвадор, Суринам, Тринидад ва Тобаго, Уругвай, Чилӣ, Экватор, Ямайка, инчунин мулкҳои Британияи Кабир, Франсия, Нидерланд ва ШМА ҷой гирифтаанд. Аҳолии А. Л. гуногунмиллат буда, аз ҷиҳати этникӣ хеле мураккаб аст. Дар он мардуми таҳҷоӣ – ҳиндиҳои Америка, европоиҳои муҳоҷир, мулатҳо, самбо, зангиён, хитойиҳо, ҳиндуҳо ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Зиёда аз 10 фоизи мардуми А. Л. ба забон ва лаҳҷаҳои гуногуни ҳиндиҳои америкоӣ ҳарф мезананд. Азбаски аксарияти аҳолии минтақа ба забони романӣ гуфтугӯ мекунанд ва асоси ин забон лотинист, ин сарзамин А. Л. ном гирифтааст. Дини асосӣ – дини католикӣ. А. Л. аз ҷиҳати синни миёнаи аҳолӣ «ҷавонтарин» дар ҷаҳон аст: тақр. 45 фоизи аҳолии он то 15-сола буда, аҳолии аз 60-сола боло ҳамагӣ 7 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳоло 15 фоизи тамоми аҳолии А. Л. ва нисфи аҳолии Боливия, Гватемала, Перу ва Эквадор ҳиндиҳои америкоӣ мебошанд. Сафедпӯстон наздики 20% буда, бештар дар Аргентина, Уругвай ва Коста-Рика маскунанд. Африкоиҳо (9 – 10%) аксаран дар Гаитӣ ва Вест-Индия, ҳиндуҳо дар Гайана, Тринидад ва Тобаго, хитойиҳо дар Вест-Индия иқомат доранд.

Сокинони А. Л. ҳанӯз дар замонҳои палеолити боло ва мезолит аз шим. шарқи қитъаи Осиё ба ин мавзеъ омада аз таъриху тамаддуни хеш намунаҳои ҳайратовар боқӣ гузоштаанд. Дар давраи пеш аз Х. Колумб (то ибт. а. 16) баъзе аз ин халқҳо соҳиби алифбои худ буда, аз илмҳои астрономия, математика, тиб хабар дошганд, бо коркарди филизоти гуногун, бофандагӣ, санъати тасвирӣ машғул буданд, шаҳрҳои тараққикарда дошганд. Қабилаҳои бузурги то имрӯз боқимондаи аймара, астекҳо, кечуа, майя, инкҳо ва ғ. сохти давлатдории ибтидоии синфиро аз сар мегузаронданд (мас., Копан, Тауантинсуйу, Теночитлан, Чичен-Интса). Истилои А. Л. аз тарафи европоиён дар ох. а. 15 шурӯъ шуда, дар а-ҳои 16 – 17 асосан ба анҷом расида буд. Ҳанӯз дар ибт. а. 16 ба А. Л. ғуломон аз Африка оварда шуда, европоиён – асосан испаниҳо ва португалиҳо, сонитар англисҳо, франсавиҳо ва голландиҳо ба «мустамликаҳои худ» фавҷ-фавҷ меомаданд. Дар натиҷа омезиши гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ба вуҷуд меомад ва наслҳои ин омезишҳоро «креолҳо» меномиданд. Аҳолии бумӣ аз як тараф қир шуда, аз ҷониби дигар аз бемориҳои сироятии европоиҳо мефавтиданд. Солҳои 1810 – 26 дар натиҷаи ҷунбишҳои озодихоҳонаи халқҳои мустамликаҳои Испания ва аз Португалия тамоман ҷудо шудани Бразилия аксари мамлакатҳои А. Л. истиқлолият ба даст оварданд. Ҳудудҳои бузурги А. Л. ҳоло азхуд ва маскун нашудаанд. Минтақаҳое, ки зичии миёнаи аҳолиашон дар як км^2 камтар аз 3 нафар аст, 50 фоизи тамоми қаламрави А. Л.-ро ташкил медиҳанд ва дар онҳо танҳо 5 фоизи аҳолии он муқиманд. Ҳоло А. Л. 300 шаҳри бузург ва мегалополисҳо (Рио-де-Жанейро, Мехико, Буэнос-Айрес, Сантяго ва ғ.) дорад.

АМЕ́РИКАИ МАРКАЗӢ, қисми ҷанубии Америкаи Шимолӣ, байни гарданаҳои Теуантепек ва Дарен. Дар ҳудуди А. М. давлатҳои Гватемала, Салвадор, Гондурас, Никарагуа, Коста-Рика, Панама ва Белиз (мулки Британияи Кабир) ҷой гирифтаанд. Масоҳ. умумиаш 521 ҳазор км^2. Аҳолиаш зиёда аз 40 млн нафар (2010). Дар А. М. забони испанӣ ҳукмрон аст. Танҳо аҳолии Белиз англисзабонанд. Барои А. М. туризм манбаи асосии даромад буда, ба ҳисоби миёна соле 7,5 млрд долларро ташкил медиҳад. Дар ин соҳа Коста-Рика дар сафи пеш аст (соле қариб 1 млн 600 ҳазор сайёҳ). Соли 2010 А. М. 8 млн сайёҳ қабул кардааст.

АМЕ́РИКАИ ҶАНУБӢ, материк дар қисми ҷанубии Нимкураи Ғарбӣ; якҷоя бо Америкаи Шимолӣ қитъаи Америкаро ташкил медиҳад. А. Ҷ.-ро аз Шим. Баҳри Кариб, аз Ш. Уқёнуси Атлантик, аз Ғ. Уқёнуси Ором, аз Ҷ. гул. Магеллан иҳота карда, онро гарданаи Панама бо Америкаи Шимолӣ мепайвандад. Нуқтаҳои интиҳоии материк: дар Шим. – димоғаи Галйинас (12°25′ а. ш.), дар Ҷ. – димоғаи Фровард (53°54′ а. ҷ.), димоғаи Горн дар ҷаз. Горн (55°59′ а. ҷ.), дар Ш. – димоғаи Кабу Бранку (34°46′ т. ғ.), дар Ғ. – димоғаи Париняс (81°20′ т. ғ.). Тӯлаш аз Шим. ба Ҷ. 7150 км, аз Ш. ба Ғ. то 5150 км. Масоҳ. А. Ҷ. якҷоя бо ҷаз-ҳо 17,83 млн км^2, бе ҷаз-ҳо 17,68 млн км^2. Ҷазираҳои калонтаринаш: Чилоэ, Галапагос, Фолкленд ва ғ.

Релйеф. Шарқи А. Ҷ. асосан аз паҳнкӯҳҳои баландиашон миёна, ҳамвориҳои баланд ва пастиҳо иборат аст. Шим. ва Ғ.-и материкро сис- темаи кӯҳии Кордилйераи Анд, ё худ кӯҳҳои Анд иҳота кардаанд, ки ба масофаи 9000 км тӯл мекашанд, баландтарин нуқтаи он 6960 м (кӯҳи Аконкагуа). Дар шим-у шарқ ва Ш.-и материк паҳнкӯҳҳои Гвиана (кӯҳи Неблина, 3014 м) ва Бразил (кӯҳи Бандейра, 2890 м) қад кашида (ин ҷо заминҷунбӣ кам ва вулқонҳои амалкунанда нестанд), онҳоро пастии Амазонка (Амазония) аз ҳам ҷудо мекунад; дар Ҷ. ҳамвориҳои Пампа ва пуштакӯҳи Патагония (баландиаш дар Ғ. то 2200 м) воқеанд. Ин паҳнкӯҳҳо ба барчастагиҳои калони платформаҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Патагония, пастии Амазония бошад, ба фурӯхамидаи васеи платформаҳо – синеклиза мувофиқат мекунанд. Дар фурӯхамидаҳои канорӣ ва наздикӯҳии байни кӯҳҳои Анд ва паҳнкӯҳҳо пастии Ориноко ва ҳамвориҳои дохилӣ (Пантанал, Гран-Чако ва Пампа) ҷой гирифтаанд. Ин ҳамвориҳо барои киштукор, сохтани роҳҳо, ҷой додани қасабаҳо хеле мувофиқанд.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминӣ. Аз ҷиҳати тектоникӣ тамоми ҳудуди А. Ҷ. ба 2 сохти асосӣ ҷудо мешавад: дар Ғ. геосинклиналӣ, дар Ш. платформагӣ. Оғози ташаккулёбии сохти геосинклиналӣ – кӯҳҳои Анд ба охирҳои палеозой ва аввалҳои мезозой рост меояд. Равандӣ кӯҳпайдошавӣ то ҳол давом дорад, ки дар ин бора зуд-зуд рӯй додани зилзилаю (зилзилаҳои шадиди с-ҳои 1960, 1970 ва 1985) оташфишонии вулқонҳо шаҳодат медиҳанд. Дар кӯҳҳо ҳодисаи сангрезӣ ва фуромадани тармаҳои бузург (дар Андҳои Перу як шаҳри тамом бо 25 ҳазор нафар аҳолӣ зери тарма монда нобуд шудааст) рух медиҳанд. Дар Ш. структураи платформагӣ аз платформаҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Патагония иборат аст. Таҳқурсии қадими эраи архей дар сипарҳои Гвиана, Бразили Ғарбӣ ва Бразили Шарқӣ ба рӯ баромадааст. Ноҳияҳои платформагие, ки аз ҳудуди ин сипарҳо берунанд, асосан бо таҳнишастҳои континентӣ пӯшида шудаанд. Байни ноҳияҳои платформагию геосинклиналӣ пастхамиҳои тектоникии Ориноко, Гран-Чако, Ла-Плата; байни кӯҳҳои Анду сипарҳои Гвиана ва Бразили Ғарбӣ пастхамии Амазонка воқеанд. Ин пастхамиҳо бо таҳнишастҳои баҳрӣ ва ҷинсҳои обоварди пур шудаанд. Ташаккулёбии платформаҳо дар давраи токембрий сар шуда, дар кембрий низ давом дошт ва чиндоршавии Байкал (Бразил) боиси ба ҳам пайвастани платформаҳо гардид. Дар давраи триас дар ҳавзаи Парана қишри замин кафида, тафтафишонии базалтӣ ба амал омад. А. Ҷ. аз сарватҳои зеризаминӣ бой

АМЕРИКАИ ҶАНУБӢ, ХАРИТАИ СИЁСӢ




АМЕРИКАИ ҶАНУБӢ, ХАРИТАИ ТАБИӢ
75° аз Гринвич ба Ғарб
60°
45°
Экватор
0°
15°
30°
45°
90°
75°
60°
45°
30°
Тропики Ҷанубӣ
Ҳамии Карибӣ
Ҳамии Ҳинд
Ҳамии Атлантикаи Ҷанубӣ
Ҳамии Аргентина
Ҳамии Чили
Ҳамии Перу
Ҳамии Колумбия
Ҳамии Панама
Ҳамии Коста-Рика
Ҳамии Никарагуа
Ҳамии Гаити
Ҳамии Ямайка
Ҳамии Тринидад ва Тобаго
Ҳамии Гренада
Ҳамии Суринам
Ҳамии Гайана
Ҳамии Венесуэла
Ҳамии Кюрасао
Ҳамии Аруба
Ҳамии Бонайре
Ҳамии Фолкленд (Малвин)
Ҳамии Ҷазираи Замини Оташин
Ҳамии Ҷазираи Мароҷо
Ҳамии Ҷазираи Маргарита
Ҳамии Ҷазираи Тринидад
Ҳамии Ҷазираи Тобаго
Ҳамии Ҷазираи Гренада
Ҳамии Ҷазираи Сент-Люсия
Ҳамии Ҷазираи Мартиника
Ҳамии Ҷазираи Гваделупа
Ҳамии Ҷазираи Монтсеррат
Ҳамии Ҷазираи Невис
Ҳамии Ҷазираи Сент-Китс
Ҳамии Ҷазираи Антигуа
Ҳамии Ҷазираи Барбуда
Ҳамии Ҷазираи Доминика
Ҳамии Ҷазираи Сент-Винсент
Ҳамии Ҷазираи Барбадос
Ҳамии Ҷазираи Аруба
Ҳамии Ҷазираи Кюрасао
Ҳамии Ҷазираи Бонайре
Ҳамии Ҷазираи Ангилья
Ҳамии Ҷазираи Сент-Мартен
Ҳамии Ҷазираи Сент-Бартелеми
Ҳамии Ҷазираи Сент-Эстатиус
Ҳамии Ҷазираи Саба
Ҳамии Ҷазираи Сент-Кристофер

аст. Нефту газ дар фурӯхамидаҳои байникӯҳӣ ва назди кӯҳҳо, инчунин фурӯхамидаҳои платформаҳо маҳфузанд. Захираҳои фаровони онҳо дар шим. Венесуэла, Эквадор, Колумбия, инчунин Перу, Бразилия ва Аргентина ҳастанд. Конҳои калони мис дар Чилӣ ва Перу, оҳан дар Бразилия, Венесуэла ва Чилӣ, манган дар Бразилия, боксит дар Гайана, Суринам ва Венесуэла, металлҳои нодиру ашёи хоми оптикӣ, инчунин тилло, платина, нуқра, висмут, волфрам, симоб, кобалт, алмос, сулфур, селитра, йод ва ғ. дар аксар ҷойҳо мавҷуданд. Бузургтарин дар ҷаҳон конҳои мис дар кӯҳҳои Анд буда, номи ин кӯҳҳо аз калимаи «анта» (дар забони инкҳо маънои «мис»-ро дорад) гирифта шудааст.

Иқлими қисми зиёди А. Ҷ. субэкваторӣ ва тропикӣ буда, мавсимҳои беборишу серборишро дорад (дар Амазония боронгариҳои беист), иқлими Ҷ. – субтропикӣ ва мӯътадил. Ҳарор. моҳонаи ҳамвориҳои қисми шимолии материк то тропики Ҷанубӣ ба ҳисоби миёна 20 – 28°С. Тобистон дар Нимкураи Ҷанубӣ (моҳи июл) ҳарор. рӯ ба Ҷ. паст шудан мегирад (дар Патагония аз 20° то 10°С). Зимистон (моҳи янв.) дар паҳнкӯҳи Бразил ҳарор. миёнаи моҳона то 12 – 16°С, дар Пампа то 6 – 10°С, дар пуштакӯҳҳои Патагония то 0°С ва аз ин паст мешавад. Бо вуруди ҳавои сарди Ҷ. ҳатто дар ҷан. Гран-Чако ва паҳнкӯҳи Бразил аёс сар мезанад. Миқдори боришоти солона дар нишебаҳои ғарбии кӯҳҳои Анд, дар ғарби Колумбия ва ҷан. Чилӣ аз ҳама бештар – 5000 – 8000 мм, дар Амазонияи Ғарбӣ ва нишебаҳои шарқии паҳнкӯҳҳои Гвианаю Бразил 2000 – 3000 мм мебошад. Дар қисми боқимондаи шарқи материк (то 35° а. ҷ.) боришоти солона 1000 – 2000 мм аст. Иқлими Патагония, минтақаи назди Укёнуси Ором (аз 5° то 27° а. ҷ.) ва қисми ҷанубии паҳнкӯҳҳои Анди Марказӣ хеле хушк (боришоти солонааш 150 – 200 мм). А. Ҷ. сернамтарин материки кураи замин аст. Иқлими он барои нашви растаниҳо (тамоми сол) хеле мусоид мебошад. Дар он тамоми намуди растаниҳои тропикиро парвариш кардан ва соле чанд ҳосил рӯёндан мумкин аст.

Обҳои дохилӣ. Обҳои қисми зиёди А. Ҷ., аз ҷумла пуробтарин д-и ҷаҳон – Амазонка, ки дар арзҳои экваторӣ ҷорӣ аст, ба Укёнуси Атлантик мерезанд. Дар қиёс масоҳ. ҳавзаи д-ҳои А. Ҷ. баробари Австралия мебошад. Шохобҳои сершумори Амазонка ва д-ҳои дигари минтақаҳои субэкватория тропикӣ (калонтарини онҳо: Парана бо Парагвай, Ориноко, Сан-Франсиску), ки манбаи асосиашон борон аст, тобистон дучори обхезиҳои калон, зимистон бошад, хеле камоб мешаванд; дар паҳнкӯҳҳо остонаю шаршараҳои онҳо (шаршараи Анхел – баландтарин дар ҷаҳон – 1054 м, шаршараи Игуасу – зеботарин дар олам) бисёр аст. Дарёҳои Патагония, ки пуштакӯҳро чуқур бурида мегузаранд, камобанд. Дарёҳои кӯтоҳу пуртуғёни Анди Шимолӣ ва Ҷанубӣ, ки манбаашон борону барф ва пиряхҳост, ба Укёнуси Ором мерезанд. Дар Гран-Чако, Пампа ва ғарбтари он – ноҳияи назди Кордилйера, кӯҳсори Анди Марказӣ ва минтақаи ғарбии биёбон, майдонҳои васеи аз оби равон маҳрумбуда, кӯлҳои шӯр ва шӯрзаминҳо бисёранд. Дар Анди Ҷанубӣ кӯлҳои калони пиряхӣ (Буэнос-Айрес ва ғ.), дар Анди Марказӣ кӯли калони тектоникии Титикака ва дар Шим. кӯли Маракайбо воқеанд.

Хок ва олами наботот. Дар ноҳияи иқлимаш экватории сернам, ки хоки он латеритии зарди сурхтоб аст, бешаҳои анбӯҳи ҳамешасабз – селвасҳо паҳн гаштаанд. Дар минтақаҳои иқлими субэкваторӣ бешаҳои гуногуни баргрезу ҳамешасабз (дар шарқи Амазония, паҳнкӯҳи Гвиана, шим. паҳнкӯҳи Бразил ва ғ.) ва саваннаҳои сералаф – ляносҳо (дар пастии Ориноко), саваннаҳои сербутта – кампосҳои серрадос (дар маркази паҳнкӯҳи Бразил) ё бешазорҳои хушки камдарахт – каатинга (дар шим. шарқии паҳнкӯҳи Бразил) дучор меоянд; хокашон асосан сурхи ҷигарӣ ва тира. Бешаҳои сернами хокашон сурхи латеритии минтақаи тропикии паҳнкӯҳи Бразил дар Ғ., дар Гран-Чако ба бешазори хушки камдарахти хокаш сурхи ҷигарӣ табдил меёбанд. Хоку набототи пуштакӯҳҳои Анди Марказӣ ва назди соҳили ғарбӣ биёбониянд, дар субтропикҳои ҷанубии паҳнкӯҳи Бразил бешаҳои сӯзанбарги сурххок, дар ҷанубтари он саваннаи сералафи сиёҳхоки сурхтоб паҳн гаштаанд; дар Пампа дашти сабзу хуррами сиёҳхок рӯ ба самти Ғ. ба дашти хушки хокаш ҷигарӣ ва нимбиёбон тибдил меёбад. Дар Ғ., дар Чилии Миёна байни 28° – 38° а. ҷ., бешаҳои дуруштбарг ва буттазори хокаш ҷигарӣ, байни 38° – 42° а. ҷ. бошад, бешаҳои сернами ҳамешасабзи паҳнбаргу сӯзанбарги тирахок мавҷуданд. Дар Патагония нимбиёбони сербуттаи тирахок, дар кӯҳҳои Анди Ҷанубӣ бешаҳои омехтаи анбӯҳи тирахоки кӯҳӣ бештаранд. А. Ҷ. макони бисёр растаниҳои қиматбаҳо: гевея, дарахти хина, дарахти сурх, какао ва ғ. мебошад. Фаъолияти инсон ба муҳит таъсири манфӣ расонда бойгариҳои табиӣ бераҳмона ғорат мешаванд. Бешаҳои Амазония қариб ба нестӣ расида, дар ҷойи ҷангалзорҳои тропикӣ ва саваннаҳо плантатсияҳои дарахтони қаҳва, какао ва ғ. нумӯ доранд. Сохтмони роҳи трансамазонӣ (5000 км) ба селваҳо, (бешаҳои намноки тропикӣ, ҷангалзорҳои касногузар) роҳ кушода, ин ғоратро бештар кард.

Олами ҳайвонот. А. Ҷ. олами ҳайвоноти ба худ хос дорад. Дар бешаҳои анбӯҳи назди экватор ҳайвоноти гуногун, аз ҷумла маймуни паҳнбинӣ, коҳилак, мӯрчахӯр, ҷайраи дарахтгард, опоссумҳо ва ғ. вомехӯранд. Аз ҳайвоноти рӯи-заминӣ кашафпушти азимҷусса, паланг, гурги ёлдор ва хуки обии капибара бисёр аст. Дар дарёҳо қариб 2000 хел моҳӣ, аз ҷумла анчоуси нурбарор, пираня ва ғ. вомехӯранд. А. Ҷ. аз орнитофауна – олами парандагон (тӯтӣ, парандаи хурдтарин – колибрӣ, чилмангӯштак, лошахӯр ва ғ.), хазандаҳо (морҳои заҳрдору безаҳр, аз ҷумла калонтарин мор – анакондаи обӣ, сангпушту кайманҳо), ҳашарот (шабпаракҳо, ғамбускҳо, мӯрчаҳои калони 3-сантиметра) бой аст. Дар дашту нимбиёбонҳои ҳамвор пума, гавазни пампагӣ, саги магелланӣ, шутурмурғи дарвинӣ ва парандаи калонтарини замин – кондор (қаноти кушодааш 3 м) ҳастанд.

Ноҳияҳои табиӣ. А. Ҷ. аз рӯи хусусиятҳои табиӣ ба 2 қисми калон ҷудо мешавад: Дар Ш. ҳамворию паҳнкӯҳҳои материк (ба ғайр аз кӯҳҳои Анд) ва дар Ғ. кӯҳсори Анд. Қисми аввал ноҳияҳои зеринро дар бар мегирад: Лянос – Ориноко, Амазония, кӯҳсори Гвиана ва кӯҳсори Бразил, Ноҳияҳои Дохилӣ, доманаи кӯҳҳои Кордилйера ва Сйерра-Пампа, Патагония; қисми дуюм аз Анди Шимолӣ, Анди Марказӣ, Анди субтропикӣ ва Анди Патагония иборат аст. Масъалаи ҳифзи муҳити зист танҳо дар а. 20 бардошта шуда, вақтҳои охир амалӣ мегардад. Майдони ҳудудҳои ҳифзшавандаи материк ҳамагӣ 1 %-ро ташкил медиҳад. Паркҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо ҳамзамон марказҳои туризм мебошанд.

Аҳолӣ. А. Ҷ. қариб 385,7 млн нафар аҳолӣ дорад (2010). Сокинони таҳҷоии А. Ҷ. – ҳиндиҳо (ҳиндиҳои

америкоӣ). Тахмин мекунанд, ки 30 – 20 ҳазор сол аз ин муқаддам аҷдоди онҳо аз шим. шарқи Осиё ба Америкаи Шимолӣ омада, аз он ҷо ба А. Ҷ. гузаштаанд. Дар минтақаи кӯҳҳои Анд ҳанӯз 7 ҳазор сол муқаддам кишоварзӣ тараққӣ карда буд. Ҷуворимакка, картошка, каду, помидорро, ки ҳоло дар тамоми дунё истеъмол мекунанд, аввалин шуда ҳиндиҳои Америка кишт кардаанд. Тамаддунҳои азбайнрафтаи мардумони таҳҷоии ин ҷо ва боқимондаҳои он – харобаи шаҳрҳо, қасру маъбадҳои мӯҳташам, муҷассамаҳои бузурги маҳфузмонда, роҳу пулҳо, каналҳо ва системаи обёрии қадимтарин олимони замонро ба ҳайрат мегузоранд. Дар Америкаи Марказӣ ва А.Ҷ.-и пеш аз Колумб аввалин ҷамъиятҳои синфии халқҳои ҳиндӣ: майя, астекҳо, чибчаҳо (муискаҳо) ва инкҳо ташаккул ёфтанд. Машғулияти асосиашон деҳқонӣ буд. Дар ибт. а. 16 А. Ҷ. аз тарафи европоиён забт гардида, ба Бразилия португалиҳо ва ба қисмҳои дигари он испаниҳо омаданд. Ҳиндуёни ноҳияҳои назди Атлантик ғулом ва ё қир карда шуданд. Мустамликадорон барои пур кардани қувваи корӣ аз Африка ҳабашҳоро меоварданд. Ҳамин тариқ раванди ба ҳам даромехтани нажоду қавмҳо, забону урфу одатҳои гуногун авҷ гирифт. Ҳайати аҳолӣ аҷоиб шуд: ҳиндиҳои бо сафедпӯстон даромехтаро «метис», бо ҳабашҳо даромехтаро «самбо», даромехтагони ҳабашҳою сафедпӯстонро «мулат» меноманд. Мардуми А. Ҷ. ба забонҳои романии оилаи ҳиндуевропоӣ – испанӣ (аксарият), португалӣ (дар Бразилия) ва франсавӣ гуфтугӯ мекунанд. Дар давоми а. 19 ва ибт. а. 20 ба А. Ҷ. аз мамлакатҳои гуногуни Европаю Осиё чандин миллион одамон кӯчида омаданд.

Тақсимоти сиёсӣ. Дар ҳудуди А. Ҷ. давлатҳои зерин ҷой гирифтаанд: Аргентина, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Гайана, Колумбия, Парагвай, Перу, Суринам, Уругвай, Чилӣ, Эквадор ва ду ҳудуди вобаста – Гвианаи Франсавӣ (мулки Франсия, аз с. 1946 расман «Департаменти хориҷӣ»), Ҷазираҳои Фолкленд (мулки Британияи Кабир дар Атлантикаи Ҷанубӣ). Таҳқиқотчии аввалини А. Ҷ. Гумболдт А. буд, ки дар ҳудуди а-ҳои 18 – 19 якҷоя бо ботаники франсавӣ Э. Бонплан табиати материкро омӯхта, нахустин харитаи геологии онро тартиб дод. Олимони рус Г. Лангсдорф ва Н. Рубсов табиат ва ҳайати аҳолии Бразилия, селексионери бузург Н. Вавилов ноҳияҳои қадимтарини зироаткорӣ ва намуди растаниҳои эндемикиро омӯхтаанд. Маводи гирдовардаи ин экспедитсияҳо то ҳол мавриди таваҷҷӯҳи илми ҷаҳонист.

Ад.: Алисов В. П., Климатические области зарубежных стран, М., 1950; Лукашова Е. Н., Южная Америка, М., 1958; Магидович И. П., Очерки по истории географических открытий, М., 1957; Очерки по геологии Южной Америки, (тарҷ. аз англ.), М., 1959; Хаин В. Е., Региональная геотектоника, т. 1, М., 1971; Карасик Г. Я., Водный баланс Южной Америки, М., 1974. Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005. *Х. Муҳаббатов.*

АМЕ́РИКАИ ШИМОЛӢ, материк дар Нимкураи Ғарбӣ, бо Америкаи Ҷанубӣ қитъаи Америкаро ташкил мекунад. Дар қисмати шимолии қитъаи Америка, байни Уқёнуси Ором ва Уқёнуси Атлантик ҷойгир шудааст. Масоҳ. А. Ш. 20,36 млн км^2, бо ҷазираҳояш 24,25 млн км^2. Сарҳади онро дар Ҷ. канали Панама ва дар Ғ. гулӯгоҳи Беринг аз қитъаи Осиё ҷудо мекунанд. Нуқтаҳои интиҳоии А. Ш. дар Шим. димоғаи Мерҷисон, дар Ғ. димоғаи Шоҳзода Уэлс, дар Ш. димоғаи Сент-Чарлз мебошанд. Ҷаз-ҳои калонтаринаш: Гренландия, галаҷаз. Арктикии Канада, Вест-Индия ва дар соҳилҳои ғарбии материк ҷаз-ҳои Алеут, галаҷазираҳои Александр, ҷаз-ҳои Малика Шарлотта, Ванкувер ва ғ. Нимҷазҳои калонтарин: дар Шим. Бутия, Мелвилл, дар Ш. Лабрадор, Флорида, Юкатан, дар Ғ. Калифорния, Аляска, Сюард. Соҳилҳои материкро аз чор тараф обҳои уқёнусҳои Ором (Баҳри Беринг), Атлантик (Баҳри Кариб, Саргасс, халиҷи Мексика), Яхбастаи Шимолӣ (Баҳри Бофорт, Баффин, Чукот) иҳота намудаанд.

Релйеф. Релйефи сатҳи материк якхела нест: қисми ғарбии онро системаи кӯҳии Кордилйера, шарқиашро ҳамвориҳои фарох ва кӯҳҳои паст фаро гирифтаанд. Баландии сатҳи қисми ғарбии материк аз с. б. ба ҳисоби миёна қариб 1700 м, қисми шарқиаш қариб 200 – 300 м. Дар қисмҳои марказӣ ва шарқии материк бинобар бештар дучор шудани сохти платформагӣ паҳнкӯҳ ва ҳамвориҳои калон ба вуҷуд омадаанд. Дар Шим. ва Шим. Ш. (асосан Канада) баландии Лаврентий воқеъ аст. Дар ҷанубтари он ҳамвориҳои Марказӣ (дар ҳудуди ШМА) ҷойгир шудаанд. Дар Ғ. онҳо торафт баланд гардида (500 – 1500 м), Ҳамвориҳои Бузург – доманаи кӯҳҳои Кордилйераро ташкил медиҳанд. Дар шим. Ҳамвориҳои Бузург пастии Макензӣ ҷойгир аст. Ҳамвориҳои Бузургро аз Ш. кӯҳҳои Аппалачӣ фаро гирифтаанд. Барои қисмҳои шарқии галаҷаз. Арктикии Канада ва соҳилҳои Гренландия релйефи кӯҳӣ хос аст. Дар шим. материк шароити иқлимӣ ба яхпӯш гардидани майдонҳои васеи кӯҳӣ мусоидат кардааст. Дар самти ғарбӣ кӯҳҳо тадриҷан паст ва ба пуштакӯҳу пастиҳо иваз мешаванд. Дар канори ҷан. шарқии материк пастиҳои наздисоҳилӣ воқеъ гардидаанд. Дар қисми ғарбии материк қ-кӯҳҳои Кордилйера аз Шим. ба Ҷ. дар масофаи 7 ҳазор км тӯл кашидаанд. Дар ин кӯҳҳо вулқонҳои амалкунандаи Орисаба ва Катмай тайи чанд лаҳза ба хурӯш меоянд. Қисми марказии ин қ-кӯҳ ба водиҳои танги чуқури тектоникӣ, ба мисли Водии Марг, ки аз с. б. 85 м паст аст, тақсим шудааст. Дар тарафи ҷанубии қ-кӯҳ водиҳои байникӯҳӣ дучор меоянд, ки калонтарини онҳо пастхамиҳои Калифорния, Уилламет мебошанд. Дар ин мавзеъ халиҷҳои Пюҷет-Саунд ва Калифорния низ пайдо шудаанд. Қисми шим. шарқии материкро қ-кӯҳҳои Аляска ишғол намудаанд, ки кӯҳи Мак-Кинлии он баландтарин нуқтаи (6193 м) А. Ш. мебошад.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминӣ. Қисми зиёди материки А. Ш. платформаест, ки таҳкурсиашро ҷинсҳои кристаллии давраи токембрий ташкил медиҳанд. Дар Шим. Ш. таҳкурсӣ ҳамчун сипари кристаллии Канада зоҳир мегардад. Дар ҷан. Кӯлҳои Бузург таҳкурсии токембрий чуқур рафта, бо таҳнишастҳои баҳрии палеозой ва континентии мезозой ва кайнозой пӯшида шудааст. Дар шарқи платформаи А. Ш. сохти палеозойии кӯҳҳои Аппалачӣ тӯл кашидаанд, ки онҳо дар даврaҳои чиндоршавии каледонӣ ва герсинӣ ба вуҷуд омадаанд. Сохти чиндории синнашон мезокайнозойии кӯҳҳои Кордилйера дар даврaҳои чиндоршавии невадаӣ (минтақаи марказӣ), ларамӣ (минтақаи шарқӣ) ва алпӣ (минтақаи соҳили Уқёнуси Ором) ба вуҷуд омадааст. Равиши пайдоиши кӯҳҳо дар Аляска ва Америкаи Марказӣ (қисми ҷанубии А. Ш.) ҳанӯз давом дорад. А. Ш. аз сарватҳои зеризаминӣ ниҳоят бой аст. Дар қисмати шимолӣ ва соҳилии материк захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Конҳои калонтарини ангиштсанг дар кӯҳҳои Аппалачӣ ва Кордилйера, захираҳои нефту газ бошанд, дар қисмати соҳилӣ, дар халиҷи Мексика, Аляска ва ноҳияҳои Марказ ҷойгир шудаанд. Дар мавзеъҳои номбурда истихроҷу коркарди захираҳои

АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ, ХАРИТАИ СИЁСӢ


УҚЁНУСИ ЯХБАСТАИ
ШИМОЛӢ
Кутби Шимолӣ
РОССИЯ
НОРВЕГИЯ
ГРЕНЛАНДИЯ
Гренландия
ИСЛАНДИЯ
Рейкьявик
ҚУҚЁНУСИ АТЛАНТИК
БАҲРИ БЕРИНГ
БАҲРИ ЧУКО
БАҲРИ СИБИРИ ШАРҚӢ
БАҲРИ БАФФИН
БАҲРИ ЛАБРАДОР
БАҲРИ НОРВЕГ
БАҲРИ ГРЕНЛАНД
БАҲРИ ГУДЗОН
БАҲРИ БОФОРТ
ХАЛИҶИ МЕКСИКА
ХАЛИҶИ КАЛИФОРНИЯ
ХАЛИҶИ АЛЯСКА
ХАЛИҶИ ҲУДСОН
ХАЛИҶИ ҲАНСКӮЛ КАЛОН
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-БЕЙ
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-ФОКС
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-ЛЕЙДИС
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-ГУДЗОН
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-БРОУН
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-ПРИНС-РЕГЕНТ
ХАЛИҶИ ҚУЙЧЕР-ЧЕРЧИЛЛ


АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ, харитаи табиӣ
Қутби Шимолӣ
Қутби магнитии шимолӣ
Ҳудуди яхҳои шинокунанда дар давраи бештар паҳншавӣ (март, апрел)
Ҳудуди яхҳои шинокунанда дар давраи камтар паҳншавӣ (август)
ҶАДВАЛИ ЧУҚУРӢ ВА БАЛАНДИҲО БА ҲИСОБИ МЕТР
МАСШТАБ 1 : 45 000 000
450 0 450 900 1350 1800 КМ

сӯзишворӣ босуръат идома дорад. Махсусан, дар халиҷи Мексика на танҳо аз соҳил, балки аз қаъри халиҷ низ нефт истихроҷ мекунанд. Конҳои нефту газ дар Аляска, қисми арктикии Канада низ ҷойгиранд. Конҳои оҳан, никел, тилло, уран, мис ва металлҳои нодир дар нимҷаз. Лабрадор, мавзеъҳои Кӯли Болоӣ паҳн гардидаанд. Дар нимҷаз. Флорида ва кӯҳҳои Кордилйера конҳои калони фосфорит, сулфур, намакҳои калий ва металлҳои ранга кашф шудаанд.

Иқлим. Иқлими А. Ш. бинобар масоҳ. бузургаш ва сатҳи ҷойгиршавии материк гуногун аст. Дар ин ҷо халиҷҳои Мексика ва Гудзон гардиши анбӯҳи ҳаворо ба таври меридианӣ муайян мекунанд. Вобаста ба тағйирёбии иқлим А. Ш. дар 6 минтақаи арзии иқлимӣ ҷойгир аст: арктикӣ, субарктикӣ, мӯътадил, субтропикӣ, тропикӣ ва субэкваторӣ. Қисми зиёди масоҳ. он зери таъсири интиқоли ҳавои ғарбӣ мондааст, ки обу ҳавои сиклонӣ ва ҳарорати якбора тағйирёбанда дорад. Дар минтақаи арктикӣ иқлим қаҳратун, дарозмуддат буда, шабҳои қутбӣ ҳукмронанд. Тобистонаш кӯтоҳ (ҳарор. 5°С) аст. Нишебаҳои ғарбии кӯҳҳои Кордилйера таъсири анбӯҳи ҳавои Уқёнуси Оромро маҳдуд месозанд. Ҳарор. миёнаи янв. аз – 36°С то 20°С тағйир меёбад. Ҳарор. пасттарин дар Аляска (– 64°С) ва Гренландия (– 70°С) мушоҳида шудааст. Ҳарор. миёнаи июл аз 4°С то 32°С мебошад. Ҳарор. баландтаринро дар Водии Марг (57°С) қайд кардаанд. Боришоти солона дар ҷан. шарқи Аляска, соҳилҳои ғарбии Канада ва шим. ғарби ШМА ба 2000 – 3000 мм (дар баъзе ҷойҳо то 6000 мм); дар ҷан. шарқи ШМА ба 1500 мм, дар ноҳияҳои марказӣ ва шим. шарқӣ то 100 мм, дар Ҳамвориҳои Бузург то 600 мм, дар ноҳияҳои дохили кӯҳҳои Кордилйера то 100 мм ва аз ин ҳам кам мерасад. Дар шим. ғарбӣ ва шим. шарқии материк қабати устувори барф то ба 1 м мерасад.

Обҳои дохилӣ. Қисми зиёди д-ҳои А. Ш. ба ҳавзаи Уқёнуси Атлантик ва Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ дохил мешаванд. Манбаи асосии д-ҳо борону барф ва пиряхҳо мебошанд. Аз сатҳи материк ҳар сол 8200 км^3 об ҷорӣ гардида, он 18 фоизи захираи оби ҷаҳониро ташкил медиҳад. Дарёи аз ҳама сероб ва дарозтарин Миссисипи ба забони ҳиндиҳои маҳаллӣ «Падари об» ном дорад. Зиёда аз 1/3 қисми масоҳ. материкро ҳавзаи ин дарё бо шохобҳояш Миссурӣ ва Огайо (6420 км) ишғол намудаанд. Манбаи асосии Миссисипӣ ва Миссурӣ борон буда, аз Ҳамвориҳои Марказӣ ва Бузург ҷорӣ шуда ба халиҷи Мексика мерезад. Ба ҳавзаи Уқёнуси Ором д-ҳои Колумбия, Колорадо, Юкон, Фрейзер, Скина дохил мешаванд. Дарёи Колумбия дар ин ҳавза яке аз сероботарин буда, захираи бузурги энергетикиро (иқтидори он 40 млн кВт ё 22%-и захираи нерӯи барқи обии ШМА ва Канада) соҳиб аст. Ба ҳавзаи Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ д-ҳои Макензӣ, Черчилл, Нелсон, Гамилтон ва ғ. дохиланд. Калонтарини он Макензӣ буда, соле ба уқёнус 310 км^3 об медиҳад. Дар ҳавзаи д. Макензӣ кӯли калони Неволничя, кӯлҳои Хирси Калон ва Атабаска ҷойгир шудаанд. Дар А. Ш. мавқеи муҳими гидрографиро кӯлҳо ишғол кардаанд. Масоҳ. умумии ин кӯлҳо 246,5 км^2 аст. Калонтарини онҳо кӯли Болоӣ (400 м чуқурӣ дорад) мебошад, ки баъди Баҳри Кас-пий аз ҷиҳати масоҳ. дар ҷаҳон ҷойи дуюмро мегирад. Дар ин ҷо кӯлҳои Мичиган, Гурон, Онтарио, Эрӣ ва ғ. низ ҷойгиранд. Дарёи пуроби Лаврентийи Муқаддас аз ин кӯлҳо сарчашма гирифта, ба Уқёнуси Атлантик мерезад.

Дар А. Ш. яхбандии доимӣ бештар аз 2 млн км^2 масоҳатро фаро гирифтааст. Қабати ғафси яхи Гренландия (ғафсиаш ба ҳисоби миёна зиёда аз 2000 м), ки аз чор се ҳиссаи ҷазираро пӯшидааст, боқимондаи яхбандии материкии ох. давраи чорумин мебошад. Пиряхҳои калони кӯҳӣ ва теппаҳои яхин дар галаҷаз. Арктикии Канада мавҷуданд. Масоҳ. яхбандии ҷан. Аляска низ калон аст. Пиряхҳои доманаи кӯҳҳо, пиряхҳои алоҳида ва майдонҳои яхпӯшро дар қ-ҳои Кордилйераи Канада, ШМА ва Мексика дидан мумкин аст.

Хок ва олами набототи А. Ш. гуногун аст; дар шарқи материк як қатор минтақаҳои арзӣ ва дар ноҳ. кӯҳсори Кордилйера якчанд минтақаҳои баландкӯҳ мавҷуданд. Қисми шимолии материкро минтақаи биёбони арктикӣ фаро гирифта, каму беш бо ушна пӯшида шудааст ва заминаш санглох мебошад. Ҷанубтар минтақаи тундра воқеъ гардидааст, ки қисми ҷанубии галаҷаз. Арктикии Канада ва соҳилҳои Уқёнуси Яхбастаи Шимолиро дар бар мегирад. Дар ин ҷо ушнаю гулсанг, растаниҳои буттагӣ, паканатӯс, бед ва ғ. мерӯянд. Боз ҳам ҷанубтар, аз доманаҳои кӯҳҳои Кордилйера то соҳилҳои Уқёнуси Атлантик, минтақаҳои бешатундра ва тайга тӯл кашидаанд. Аз наботот ба тариқи пароканда арча, кочи баргрез, инчунин пихтаи балзамӣ, ширбини америкоӣ, тӯс ва сафедор мерӯянд. Хокаш бештар хокистарии яхбаста аст. Минтақаи тайгаи А. Ш. нисбат ба қисми европоӣ ва осиёӣ бойтар аст. Дар баробари намудҳои арча (сафед ва сиёҳ) растаниҳои сӯзанбарг, тӯс, сафедор ва дарахтони калони секвойя (то 80 – 100 м баланд мешавад) дучор меоянд. Намудҳои бойи набототро бештар дар соҳили Уқёнуси Ором дидан мумкин аст. Дар бешаҳои паҳнбарг бештар булут, липа, бук, дарахти лолагул, магнолияи баргрез ва ғ. вомехӯранд. Дар ҷангалҳои муссонӣ дарахтони баргрезу ҳамешасабз – санавбар, нахл, сарви ботлоқӣ, ликвидамбр ва нисса мерӯянд. Бешаҳои тропикӣ бештар аз дарахтони нахл иборатанд. Хоки минтақаи бешазор хокистарию сиёҳтоб ва сиёҳтоби бешагӣ, зарду сурхи субтропикӣ, латеритии зарди сурхтоби тропикӣ аст. Дар Ғ. минтақаи бешазор ба минтақаи бешадашт ва дашти сералафи прерияҳо (минтақаҳои байни бешаву дашт), ки хоки онҳо сиёҳтоб ва сиёҳи марғзорӣ аст, табдил ёфта, тадриҷан ба минтақаи даштҳои муқаррарӣ ва хушки хокаш сиёҳтобу хурмоӣ мегузарад. Олами набототу ҳайвоноти ин ҷоро инсон бо фаъолияти худ хеле тағйир додааст. Кӯҳҳои Кордилйера ба минтақаҳои зерин тақсим мешаванд: минтақаи бешазори тайгаи кӯҳӣ ва бешазори тунук, инчунин тундраи кӯҳӣ дар Аляска ва Канадаи Шимолӣ; минтақаи бешазори даҳтони ғафстанаи кӯҳӣ, бешазори субалпӣ ва марғзори алпӣ дар сарҳади ШМА ва Канада; минтақаи даштҳои доманакӯҳ, бешазори сираки санавбари кӯҳӣ ва буттаҳои дуруштбарг, бешазори субалпӣ дар қуллаи кӯҳҳои ҷан. ғарби ШМА ва Мексика; минтақаи бешаҳои омехта ва ҳамешасабзи тропикии кӯҳӣ дар ҷан. Мексика ва Америкаи Марказӣ. Дар кишварҳои А. Ш. оид ба ҳифзи табиат ва муҳити зист қонунҳои қотеъ бароварда шудаанд ва хуб риоя мегарданд.

Олами ҳайвоноти А. Ш. ба олами ҳайвоноти Осиё ва Европа монанд аст (хирси сафед, гавазни шимолӣ, гург, рӯбоҳ, харгӯш, қоқум, рӯбоҳи шимолӣ, санҷоб). Дар минтақаҳои тундра ва бешазор намудҳои эндемӣ – барзагови мушкин, гавазни америкоӣ, силовсини канадаӣ, сӯзанпашм (ҷайраи дарахтгард) вомехӯранд. Дар бешаҳои паҳнбарг ва

субтропикӣ гавазни виргиниягӣ, хирси барибал, қашқалдоқи америкоӣ, тӯтии каролинӣ, чилмангӯштак; дар дашту прерияҳо хояндаҳо (харгӯш, юрмон, мушу калламушҳо); дар бешаҳои кӯҳҳои Кордилйера гӯсфанди ғафсшох, хирси гриэлӣ, пума, дар дашту биёбони паҳнкӯҳҳо бузи ваҳшӣ ва хазандаҳои гуногун, аз ҷумла шақшақамор ва калтакалоси заҳрнок – гелодерма бисёранд. Дар Миссисипӣ аллигатор, дар Флорида тимсоҳ вомехӯрад.

Ноҳияҳои табиӣ. Вобаста ба мавқеи географӣ ва шароити табиӣ ҳудуди А. Ш.-ро ба 7 ноҳияи калони табиӣ ҷудо мекунанд: 1) Ноҳияи арктикӣ; 2) Баландиҳои Лаврентий; 3) Ҳамвории Марказӣ; 4) Водии д. Макензӣ; 5) Ҳамвории Бузург; 6) Пастиҳои соҳили халиҷи Мексика ва соҳили атлантикии ҳудуди ШМА; 7) Ноҳияи кӯҳҳои Аппалачӣ. Дар навбати худ кӯҳҳои Кордилйера чунин минтақабандӣ шудаанд: 1) Кордилйераи Шимолӣ ё Кордилйераи Аляска; 2) Кордилйераи Канада; 3) Кордилйераи Ҷанубӣ ё Кордилйераи ШМА; 4) Кӯҳсори Мексика ва нимҷаз. Калифорния; 5) Ноҳияи Америкаи Марказӣ.

Аҳолӣ. Дар А. Ш. аз қадим қабилаҳои ҳиндиҳо ва эскимосҳо зиндагӣ мекарданд, ки ба тоифаи махсуси муғулнажод – шохаи америкоии нажоди муғул мансубанд. Ҳиндиёни Америка – қабилаи астекҳо ва майя дар А. Ш. то омадани европоиҳо давлати ҳудро доштанд, бо фаъолияти хоҷагидорӣ машғул буданд. Онҳо асосан дар Мексикаи Шимолӣ маскун буда, ҳоло теъдодашон дар тамоми А. Ш. тақр. 15 млн мебошад. Дар а. 16 ба ин ҷо муҳоҷирати европоиҳо: англисҳо, испаниягиҳо, франсавиён, голландиҳо, шведҳо ва ғ. сар шуд. Дар натиҷаи омезиши миллатҳои америкоию англису канадагиҳо, франсавиёну канадагиҳо, мексикоиҳо ба вуҷуд омаданд. Омезиши ҳиндягиҳою муҳоҷирон боиси пайдоиши чандин гурӯҳҳои омехтанажод гардид. Қисми аҳолии А. Ш.-ро зангиҳо (бештар аз 200 млн нафар) ташкил медиҳанд. Онҳоро а-ҳои 17 – 18 ба ин ҷо барои кор дар плантатсияҳо аз Африка оварда буданд. Шумораи умумии аҳолии А. Ш. 529 млн нафар (2008).

Тақсимоти сиёсӣ. Дар ҳудуди материки А. Ш. давлатҳои ШМА, Канада, Мексика, мулки Дания – Гренландия, мулки Франсия – ҷаз-ҳои Сен-Пйер ва Микилон; дар Америкаи Марказӣ: Гватемала, Салвадор, Гондурас, Белиз, Коста-Рика, Никарагуа, Панама; дар ҷаз-ҳои Вест-Индия: Иттиҳоди ҷаз-ҳои Багам, Барбадос, Гаитӣ, Гренада, Ҷумҳурии Доминикана, Ямайка, Тринидад ва Тобаго, инчунин як қатор мулкҳои Британияи Кабир, Нидерланд, Франсия ва ШМА ҷойгир шудаанд. Дар натиҷаи инқилоби халқӣ дар А. Ш. нахустин давлати сотсиалистӣ – Республикаи Куба барпо шуд.

Ад.: Энсиклопедияи Советии Тоҷик, ҷ. 1, Д., 1978; Страны и народы. Америки, М., 1980; Энциклопедия: Географическое название, М., 2000; Игнатьев Г. М., Северная Америка, М., 1965; Учебный Атлас Мира, М., 1980; Новая Российская Энциклопедия, ҷ. 2, М., 2005.

Х. Муҳаббатов.

АМЕРИ́ТСИЙ (лот. Americium – аз номи ШМА), Am, элементи химиявии гурӯҳи III дар ҷадвали элементҳои Менделеев. Мансуби актиноидҳост. Рақами тартибиаш 95, массаи ат. 243,0614. Элементи радиоактив, изотопи устувортаринаш ^{243}Am (давраи нимкоҳишаш 7370 сол). А.-ро с. 1944 олими америкоӣ Г. Сиборг дар натиҷаи бо нейтронҳо бомбаборон кардани плутоний ҳосил кардааст. Металли нуқрагун; ҳарор. гудозишаш 1173°C, ҳарор. ҷӯшишаш 2600°C, зичиаш 13,67 г/см^3. А. монанди дигар актиноидҳо аз нигоҳи химиявӣ фаъол мебошад. Дараҷаи оксидшавиаш +3 аст. Дар шароити муқаррарӣ бо оксиген ва нитроген, таҳти ҳарор. бо аксари ғайриметаллҳо, аз ҷумла бо гид- роген ба реаксия медарояд. Дар шароити гуногун пайвастҳои дараҷаҳои оксидшавиашон +1 – +7 ҳосил карда шудаанд. Пайвастҳои комплексии А. низ ҳосил гардидаанд.

Изотопҳои А. дар тадқиқоти атомӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Изотопи ^{243}Am барои синтези баъзе изотопҳои нобелий (No), лоуренсий (Lr) ва нилсборий (Ns) дар Пажӯҳишгоҳи атомии ш. Дубнаи Россия истифода шуда буданд. Изотопи ^{241}Am, ки манбаи гамма-афканишот аст, барои сохтани асбобҳои ченкунанда истифода мегардад. Чунин асбобҳоро дар тиб низ кор мефармоянд. Мас., паҳншавии йодро дар ғадуди сипаршакли инсон бидуни дохили бадан кардани изотопҳои радиоактив ба воситаи асбоби дорои изотопи ^{241}Am метавон муайян кард. Бо чунин асбобҳо ҳангоми истеҳсол ғафсии тунукаҳои пӯлодӣ (аз 0,5 то 3 мм), алюминий (50 мм) ва шишаро метавон чен ва назорат намуд. Дар оянда А.-ро аз реакторҳои атомии бо нейтронҳои ҳароратӣ коркунанда метавон ба даст оварад, ки аҳамияти калони иқтисодӣ дорад. Мас., ҳангоми фаъолияти реактори атомӣ бо иқтидори 1000 МВт соле то 7 кг изотопҳои ^{241}Am ҳосил мешаванд.



Кристалли аметист.

Ад.: Популярная библиотека химических элементов, М., 1983; Шретер В., Химия, М., 1989; Идрисов Т., Химияи аносир (элементҳо), Д., 2004.

Т. Идрисов.

АМЕТИСТ (юн. қадим: *а* – «не» ва метисос – «бадмаст»), ҷамаст, минерал, як навъи кварс (SiO_2). Рангаш бунафш, ё бунафши сурхчатоб ё бунафши осмонӣ буда, дар рӯшноӣ онро дигар мекунад. Вобаста ба кон рангаш дар рӯшноӣ устувор мебошад ё мепарад. Ҳангоми то 250°C тафсонидан рангаш дигар мешавад. Асосан дар пегматитҳои гранитӣ, рагҳои кварсӣ, ковокиҳои ҷинсҳои вулқонӣ вомехӯрад. Кристаллҳояш аз қабатҳои ҳамвориҳои призма ва ромбоэдр ташшаккул ёфтаанд. Аз ҳама намудҳои кварс А. бештар рӯяҳои ромбоэдр дорад. Сингонияаш – тригоналӣ. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос – 7. Зичиаш 2630 – 2650 кг/м^3. Нишондиҳандаи шикаст 1,543–1,554. Конҳои А. дар Россия, Бразилия, Шри Ланка, Уругвай, Арманистон мавҷуданд. Тибқи ривоятҳои қадима А. касро аз бадмастӣ нигоҳ медорад. А.-ро ба таври сунъӣ низ ҳосил мекунанд, ки аз табииаш фарқ кардан хеле душвор аст. А.-и сунъи андозааш то 30 см-ро ҳосил кардаанд. Беҳтарин намунаҳои А.-и табиӣ ва сунъиро дар заргарӣ истифода мебаранд.

АМЁБАҲО (Amoebina), як гурӯҳи *содатаринҳо*. Бештар дар обанборҳои ширин (бенамак), гоҳо дар хок сукунат ихтиёр мекунанд. А.-и паразит низ мавҷуданд. Андозаи А. аз 50 мкм то 2 – 3 мм аст. А. шакли доимӣ надоранд. А., ки ҷисмашон аз сито-

плазма иборат аст, пойҳои қалбакӣ (псевдоподияҳо) дошта, онҳо вазифаи ҳаракат ва доштани ғизоро ба ҷо меоваранд. Ғизои А. бактерияҳо, обсабзҳои майда, содатаринҳо ва ғ. мебошанд. Дар атрофи ғизо аз ситоплазма шираи махсус ҷудо мешавад, ки он вакуолаи ҳозимаро ба вуҷуд меоварад (андаруни он ғизо ҳазм шуда, ба ситоплазма заҳида мегузарад). Об ва маҳсули фаъолияти ҳаётиро вакуолаи кашишхӯранда ихроҷ менамояд. А., одатан, як ядро (ҳаста) доранд, вале амёбаи Pelomyxa серядро аст. Бисёр А. бо роҳи ғайриҷинсӣ (тақсимшавӣ) афзоиш мекунанд. Қабл аз тақсим шудани ҷисми А. дар ядрои он раванди *митоз* ба амал меояд. Дар А. афзоиши ҷинсӣ аҳёнан ба мушоҳида мерасад. Дар шароити номусоид (кам шудани ғизо, хунукӣ, хушк шудани обанборҳо ва ғ.) ҷисми А. лунда ва сатҳи протоплазма ғафс гашта, он ҷилди муҳофиз ҳосил мекунад (яъне *циста* ба вуҷуд меояд). А.-е, ки дар обҳои ширин сукунат доранд, далели ифлос будани об маҳсуб мешаванд. А.-и паразит дар рӯдаи ҳайвоноти гуногун ва одам зиндагӣ мекунанд. Дар байни онҳо хусусан А.-и *исҳоли хунин* (Entamoeba histolytica) хавфноканд. Онҳо бемории *амёбиазро* ба вуҷуд меоваранд, ки хеле вазнин аст.

АМЁБИА́З, дизентерияи амёбавӣ, бемории сироятӣ, ки дар натиҷаи ба бофтаҳои рӯдаи ғафс ва баъзе узвҳои дарун осеб расондани амёбаи исҳоли хунин (Entamoeba histolytica) рӯй медиҳад. Сироят дар натиҷаи ба воситаи об ё таом фурӯ бурдани системаи амёба ба вуқӯъ меояд. Амёба қабатҳои пардаи луобии бофтаҳоро захмдор намуда, ба хун мегузарад ва мумкин аст дар ҷигар, гурда ва шуш думмол ҳосил кунад. А. хоси иқлими гарм аст. Ҳомилони ангезандаи А. аз нигоҳи эпидемиологӣ хавфноканд. Дар рафти инкишофи амёба марҳалаи нашв ва давраи оромӣ (циста) вуҷуд дорад. Циста ба таъсири омилҳои муҳит тобовар буда, дар пасафканд зиёда аз 15 шаборӯз, дар замини намнок то 8 шаборӯз, дар меваю сабзавот, ашёву анҷоми хона якчанд рӯз зинда мемонад; баробари ҷӯшондан ва хушкондан, маҳв мешавад. Ҳангоми ба организм ворид гардидани амёба аломатҳои беморӣ ҳамеша падид намеоянд. Ин гуна одамон ҳомили амёба ҳисоб ёфта, барои дигарон хавфноканд. Беморон ва ҳомилони бактерия бо пасафканди худ системаҳои амёбаро ихроҷ менамоянд. Системаҳо аз одам ба одам ба воситаи дастҳои олуда, асбобу анҷоми рӯзгор мегузаранд. Сироят аз бактерияҳо инчунин дар натиҷаи бо хӯрокӣ фурӯ бурдани системаҳои амёба (мас., бо сабзавоти ношуста ва оби ҷӯйбору ҳавзҳо) ба амал меояд. Дар давоми як ҳафта (баъзан чанд моҳ) системаҳо дар бадани инсон зиндагӣ мекунанд, вале ягон аломати касалӣ зоҳир намегардад (давраи ниҳонӣ). Беморӣ тадриҷан оғоз меёбад. Сустӣ, бетобӣ, камиштиҳоӣ, аксар вақт дарди шикам, дарунравӣ (рӯзе то 10 – 15 маротиба) рӯй медиҳад. Пасафканд обакӣ ва хунолуд мешавад; ҳарорати бадан мӯътадил аст. Баъзан (бештар дар кӯдакон) беморӣ шиддат меёбад; шикам сахт дард мекунад, пасафканд рақиқ (тунук), шилмак ва хунолуд гардида, рӯи забонро пардаи сафедча фаро мегирад, аломатҳои захролудии организм (сустӣ, нотобӣ, сардард, дилбеҳузурӣ, қай) мушоҳида мешаванд. Дар сурати муолиҷа накардан ва ё худмуолиҷа беморӣ музмин гашта, бодҳои ногувор (шикоф шудан ё кафидани рӯда, инкишофи думмал дар ҷигар ё майна) ба вуҷуд меоянд.

Муолиҷа фақат дар беморхона гузаронда мешавад. Беморонро баъди аз беморхона баромадан духтури дармонгоҳ таҳти назорат мегирад. Ҳангоми ихтилоли кори меъдаю рӯдаҳо фавран ба духтур муроҷиат кардан зарур аст. *Э. Раҳмонов.*

АМИБЕ́Н, амобен, хлорамбен, $C_7H_5Cl_2NO_2$, як навъ гербисид. Моддаи кристаллии сафед. А.-ро чун консентрати эмулсияи 25%-а ё ғурӯшаи 10%-а истеҳсол мекунанд. Барои нест кардани алафҳои бегона (турбгиёҳ, шӯра, обдуздак, курмак ва ғ.) ба помидор (пеш аз шинондани кӯчат) ва соя (пеш аз нешзанӣ) мепошанд. Баъди 2 – 3 моҳ дар хок пурра таҷзия мешавад. Барои занбӯри асал безарар аст.

АМИГДАЛИ́Н, $C_{20}H_{27}O_{11}N$, навъе аз пайвастҳои органикии табиӣ. Ба синфи гликозидҳо мансуб аст. Дар мағзи бодоми талх (2,5 – 3,5%), донаки шафтолу (2 – 3%), зардолу ва олу (1 – 1,8%), олуча (0,8%), тухми себ, нок ва ғ. мавҷуд мебошад. Моддаи кристаллии сафед, ҳарор. гудозишаш 215°С, дар об ва спирт нағз ҳал мешавад. Ҳангоми бо кислотаи хлориди консентронида гарм кардан ҷавҳари бодом ва дар вақти гидролиз бо кислотаҳои сероб 2 молекула D – глюкоза, 1 молекула бензалдегид ва 1 молекула кислотаи синанид ҳосил мекунад. А.-ро аз мағзи бодоми талх, шафтолу, тухми себ, нок ва ғ. ба воситаи эфир мегиранд. Дар рӯда зери таъсири ферментҳо ва бактерияҳо таҷзия шуда, кислотаи синанид ҳосил мекунад. Бинобар ин боиси захролудии организм гаштанаш мумкин аст.

АМИ́ДҲО, навъе аз пайвастҳои химиявӣ. Ҳосилаи кислотаҳои органикӣ, ки дар онҳо гурӯҳи гидроксилӣ OH бо гурӯҳи аминӣ NH_2 иваз шудааст. Формулаи умумиашон R-CO-NH_2. Сохти радикал R метавонад гуногун бошад. А.-и кислотаҳои карбон, аминокислотаҳо ва сулфокислотаҳо мавҷуданд. А. моддаҳои кристаллианд (бар истиснои амиди кислотаи мӯрча – формамид, ки моеъ аст). А.-и хурдмолекула дар об ҳал мешаванд (вобаста ба афзудани вазни молекулавӣ қобилияти ҳалшавӣ суст мегардад). А. бо роҳҳои гуногун (мас., дар натиҷаи тафсондани намакҳои аммонийи кислотаҳои органикӣ, таъсири аммиак ба ангидрид ва хлорангидридҳо, коркарди нитрид бо пероксиди гидроген ё кислотаи минералӣ, таъсири аммиак ба эфири кислотаҳо) ҳосил карда мешаванд. Дар натиҷаи атсилонии аммиак А.-и якумин, дуюмин ва сеюмин ҳосил кардан мумкин аст:

$RCONH_2$, $(RCO)_2NH$, $(RCO)_3N$

Аз онҳо А.-и якумин ва А.-и дуюмини сиклӣ (имидҳо), баъзе кислотаҳои дикарбонӣ аҳамияти амалӣ доранд. А.-и якуминро ҳангоми таъсири мутақобилаи ангидрид ва хлорангидриди кислотаҳо, кетонҳо ва эфирҳои мураккаб бо аммиак, гарм кардани (тақр. то 220°С) намакҳои аммонийи кислотаҳо, инчунин гидролизи нопурраи нитрилҳо ҳосил мекунанд:

$RCOCl + NH_3 \rightarrow RCONH_2 + HCl$

$CH_3COONH_4 \rightarrow CH_3CONH_2 + H_2O$

$R - C \equiv N + H_2O \rightarrow RCONH_2$

Бисёр кетонҳои ароматӣ ҳангоми бо сулфиди аммоний ва сулфур то 160°С (реаксияи Виллгеродт) гарм кардан ба А.-и кислотаҳо табдил меёбанд. Дар А. хосиятҳои асосии гурӯҳи NH_2 бинобар бо боқимондаи кислота пайваст буданаш суст шудааст, ҳарчанд он бо кислотаҳои минералӣ намак ($RCONH_2 \cdot HCl$) ҳосил мекунад. Намак ноустувор буда, аз таъсири об зуд гидролиз мешавад. Реаксияи А. ба лакмус нейтралӣ аст. А. бо металлҳо (Na, Ag, Mg, Zn, Hq) намак ҳосил карда, зери таъсири баъзе маводи химиявӣ вайрон мешаванд. Мас., дар вақти бо кислотаҳои минералӣ ҷӯшондан ё таъсири кислотаи нитрит ба кислота ва ҳангоми бо натрий ва спирт барқарор намудан,

ба спирти якумин табдил меёбанд. А. дар об нағз ҳал мешаванд. Одатан, бӯи нохуш доранд (баъди нағз тоза кардан бӯй нест мешавад). Ба А.-и кислотаҳои ғайриорганикӣ кислотаи сулфаминат – H_2NSO_2OH, кислотаи триамидофосфат – $OP(NH_2)_3$, кислотаи метафосфат – $(C_2H_5O)_2$ P – NHR, кислотаҳои карбон, формамид, бензамид, мочевина (карбамид) ва ғ. мансубанд. Доруҳои сулфаниламидӣ дар тиб истифода мегарданд. Онҳо гурӯҳи сулфамидӣ – $SC_2NR^1R^{11}$ доранд. Гурӯҳи амидӣ (NHCO) ба таркиби сафедаҳо ва полиамидҳо дохил мешаванд. А.-и аспарагин, глутамин ва мочевина аҳамияти хеле калон доранд, зеро дар мубодилаи нитрогени растанӣ, ҳайвонот ва микроорганизмҳо ширкат меварзанд. Аспарагин ва глутамин дар таркиби сафеда мавҷуданд.

АМИЛА́ЗАҲО, ферментҳое, ки оҳар, гликоген ва дигар полисахаридҳои ба онҳо наздикро таҷзия мекунанд. Се навъи А. маълуманд: α-Амилаза (крахмалро ба декстринҳо табдил медиҳад; амилазаи декстриногенӣ); β-Амилаза (крахмалро ба малтоза табдил медиҳад; амилазаи сахарогенӣ); глюкозамилаза (ҳосил шудани глюкоза ва декстринро таъмин менамояд). α-Амилаза дар растаниҳо ва микроорганизмҳо вомехӯрад. Ба банди гликозидии α –1,4 таъсир намуда, онро аз ҷое, ки барқарор накардааст, таҷзия менамояд. Дар натиҷа малтоза ҳосил мешавад. β-Амилаза дар растаниҳои олиташаккул мавҷуд аст. Глюкозамилаза ҳосил шудани глюкоза ва декстринро катализ менамояд. Одатан, гидролизи полисахаридҳо бо иштироки якҷояи А.-и гуногун ба амал меояд. Зери таъсири шираи тухми нешзадаи ҷав ба қанд табдил ёфтани крахмалро (таъсири ферментативии А.) олими рус К. С. Кирхгоф баён намудааст (1814). Аввалин доруи ферментиро олимони франсавӣ А. Пайен ва Ж. Персо (1833) аз шираи сумалак ҷудо кардаанд. Баъзе А. дар ҳолати кристаллӣ ҷудо карда шудаанд. А. аҳамияти калон доранд. Онҳо барои ҳазми хӯрок ёрӣ мерасонанд. Дар саноати спирткашӣ, нонпазӣ ва ғ. истифода мешаванд.

Ад.: Ненисцеску К. Д., Органическая химия, т. II, М.; 1963; Нестеренко М. В. (ва диг.), Биохимия, М., 1987; Келети Т., Основы ферментативной кинетики, М., 1990; Исламов Р. А. (ва диг.), Биотехнология. Теория и практика, № 2, 2005.

АМИЛАТСЕТА́Т, $CH_3COOC_5H_{11}$, эфири мураккаби кислотаи атсетат ва спирти амил. Массаи мол. 130, зичиаш 871,9 кг/м^3, ҳарор. ҷӯшишаш 149,2°C. Моеи беранг, дар об бад, дар спирт, эфир ва ҳалкунандаҳои органикии дигар нағз ҳал мешавад. А.-ро дар натиҷаи бо иштироки кислотаи сулфати консентронида гарм кардани кислотаи атсетат ва спирти амил ҳосил мекунанд:

$$CH_3COOH + HOC_5H_{11} \rightarrow CH_3CO OC_5H_{11} + H_2O$$

А. ва баъзе эфирҳои кислотаи атсетат, мас., изоамилатсетат, этилатсетат ва ғ-ро бинобар бӯи хуш дошта нашон ба сифати эссенсияи сунъии мева истифода мебаранд. А. дар техника чун ҳалкунанда барои истеҳсоли локҳои нитроселюлозӣ, навори кино, селлулоид ва ғ. низ кор фармуда мешавад.

АМИЛОИДО́З (Amyloidosis), бемориест, ки дар натиҷаи дар бофтаҳои гуногуни организм таҳшин шудани сафедаҳо – амилоидҳо рух медиҳад. А.-ҳоеро, ки ба бофтаҳои тамоми организм таъсир мерасонанд, А.-ҳои мунташир меноманд. Онҳо метавонанд ба ҳама узвҳои одам таъсири номатлуб расонанд. А.-ҳо дар натиҷаи бемориҳои дигар, мас., миеломаҳо, амрози сироятии музмин (сил, остеомиелит ва ғ.), бемориҳои илтиҳобии музмин (артрити тарбодшакл, спондилит ва ғ.) низ ба вуҷуд меоянд. А. якумин, дуюмин, оилавӣ ва ғ. мешавад. А.-и якумин дар натиҷаи ба миқдори зиёд иммуноглобулин (ҳуҷайраҳои плазмавӣ) ҳосил кардани ҳуҷайраҳои мағзи устухон инкишоф меёбад. Он мумкин аст якҷоя бо саратони ҳуҷайраҳои мағзи устухон низ падид ояд. А.-и дуюмин бештар мушоҳида мешавад. Сабаби чунин шакли А. пӯсиш ё зардоб гирифтани бофтаҳо (мас., ҳангоми бронхоэктазҳо, сили шуш, устухон, остеомиелити музмин ва ғ.) аст. Дар мавриди А.-и дуюмин асосан гурдаҳо, сипурз, ҷигар, ғадуди болои гурда осеб меёбанд. А.-и оилавӣ бемории ирсӣ буда, хеле кам ба назар мерасад.

АМИ́Н АҲМА́ДИ РОЗӢ Хоҷа Муҳаммад Мирзо (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, адиб ва муаррихи форс-тоҷик (а. 16). Оид ба худаш дар тазкирааш «*Ҳафт иқлим*» маълумот додааст. Аз оилаи шахси сарватманд буд. Дар зодгоҳаш ш. Рай таҳсил карда, ба камол расидааст. То с. 1577 сокини ш. Исфаҳон буд. Баъдан ба Ҳиндустон ҳиҷрат кард ва ба хидмати дарбори шоҳ Акбар (ҳукмр. 1556 – 1605) роҳ ёфт. Дар ҳамин давра китоби «Ҳафт иқлим»-ро навишт.

Абёти зерин аз ӯст:

Ман, ки ба ғаввосии ин баҳри жарф,
Хуни ҷигар хӯрдаам аз ҳарф-ҳарф.
Табъи сухансанҷ шиносад, ки чист,
Кӯр чӣ донад, ки дар ин хона кист…

М. Садриддинов.

АМИ́Н (ар. – вакил, шахси мӯътамад), 1) амалдор, сардор, сардори як ва ё якчанд деҳ дар баъзе туману вилоятҳои бекнишини аморати Бухоро. А. дар водии Фарғона, волостҳои уезди Самарқанд, Каттақӯрғон аз тарафи вакилони халқ интихоб мешуд. Дар аморати Бухоро А. ба амлокдор, дар губернатории ҳарбии Туркистон ба сардори волост тобеъ буд. Вазифаи асосии А. аз халқ ситондани хироҷ, тақсими обу замин, ҷундоштани андози бозор (*аминона*) буд. 2) Дар баъзе шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон раиси комитети маҳалла ё гузарро А. меноманд. *М. Холов.*

АМИ́Н Муҳаммадамини Бухорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 19). Ба қавли тазкиранигорон (мас., Мӯҳтарам, «*Тазкират-уш-шуаро*») А. аз шоирони тавоно ва боистеъдоди замон будааст. Бештар ғазалу мухаммас месурудааст. Ба ӯ инчунин ду маснавӣ – «Маснавии Шариф» ва «Маснавии Латиф»-ро нисбат медиҳанд. Бо тиббу табобат низ шуғл доштааст. Абёти зерин аз ӯст:

Дӯстон, ёд аз нигоҳи чашми мафтунаш кунед,
Раҳм бар ҳоли гирифторони маҳзунаш кунед.
То шавад хотир тасаллиёб дар дашти ҷунун,
Қиссаи пурғуссаи ман назди Маҷнунаш кунед.
Дар миён ояд сухан ҳар гаҳ ба тамдеҳи алиф,
Ёд аз он қомати мавзуни болояш кунед.
То сарояд тӯтии килки Амин ҳар ҷо сухан,
Офарин бар табъи софу ҳусни мазмунаш кунед.

АМИНА́, Маҳмудова Амина (5. 5. 1910, ш. Бухоро – 18. 1. 1978, Душанбе), шоираи тоҷик. Ҳамсари асосгузори театри касбии тоҷик Маҳмуд Ҳомид. Мактаби ҳизбию шӯравии ш. Самарқандро с. 1929 хатм карда, ҳамон сол ҳамроҳи шавҳараш барои иқомати доимӣ ба ш. Душанбе кӯчид. Дар ш. Душанбе аввал дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» (аз с. 1931) дар вазифа ходими адабӣ ва аз с. 1934 дар маҷаллаи занон – «Бо роҳи ленинӣ» (ҳоло «Фирӯза») кор кардааст. А. вакили Анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон (10 майи 1934) буд ва ҳамчунин дар таъсиси ИН Тоҷикистон иштирок доштааст. Дар ин Анҷуман А. дар радифи устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ғ. Абдулло, Р. Ҳошим, Р. Ҷалил, М. Миршакар узви ҳайати Идораи мар-

казии ИН Тоҷикистон интихоб гардидааст. Мавзӯи ашъори А. аксаран иҷтимоиву лирикӣ буда, заҳмати коргарону деҳқонон, зебоиҳои фаслҳои сол ва муҳаббати ҷавониро васф кардааст. Шеърҳои «Обу ободонӣ», «Аз саргузашти як мазлума», «Фаъолият намоед», «Ба колхозчиён» ва амсоли инҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар бораи ҳаёту фаъолияти А. дар китобҳои Т. Усмон «Бисту се адиба», М. Шоҳҳусайнӣ «Ҳафт шаҳри ишқ», А. Набавӣ «Таърихи ташаккули Иттифоқи нависандагон» маълумот дода шудааст. *Б. Раҳматов.*



Амина Маҳмудова.



Аминзода Зебо.

АМИНЗОДА́ Зебо Муҳиддиновна (тав. 3. 10. 1948, Душанбе), раққоса ва балетмейстер, Артисти халқии СССР (1986). Нозукиҳои пешаи артистиро аз модаркалонаш Артисти халқии РСС Тоҷ. Карометхон *Зокирова* ва модараш Артисти халқии РСС Тоҷ. Ойдина *Усмонова* омӯхтааст. Падараш шоир ва танбӯрнавози маъруф Муҳиддин Аминзода. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи хореографии назди Театри калони СССР (1962), Омӯзишгоҳи хореографии Тошканд (1965) ва фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти давлатии педагогии Хуҷанд (1980). Ҳунарпешаи Театри ҷумҳуриявии мазҳакаи мусиқии ба номи А. С. Пушкини Ленинобод (1965 – 78), роҳбари бадеӣ ва сарбалетмейстери ансамбли «Зебо»-и Комитети давлатии РСС Тоҷ. оид ба телевизион ва радиошунавонӣ (1978 – 93), муовини раиси Шӯрои Вазирони ҶТ (1993 – 94), намояндаи Тоҷикистон дар ширкати радиотелевизионии «Мир» (1994 – 2003). Аз с. 2004 роҳбари ансамбли рақсии «Гулрез». Ҳоло дар ш. Москваи Федератсияи Россия кор ва зиндагӣ мекунад. А. дорои табъи нозук, эҳсоси баланди дарки мусиқӣ ва маданияти баланди артистӣ буда, ба воситаи образҳои барҷаста нафосату салосат ва ҷиҳатҳои нозуки рақси миллии тоҷикиро ифода намудааст. А. унсурҳои рақси миллӣ ва халқиро бо балети классикӣ устодона омезиш дода, ба бозёфтҳои тоза муваффақ шудааст. Ӯ дар рақсҳояш зебоиҳои ҳаёт, меҳнату зиндагии осоиштаи одамон, бахту саодати мардум, меҳру муҳаббати покро ифода намуда, бо ҳаракатҳои мавзуну нафис таровату ҷозибаи рақсро меафзуд. Рақсҳои «Вохӯрӣ», «Санам», «Ҷавонӣ», «Тӯёна», «Чӯпонӣ», «Занг», «Дар чаман», «Муноҷот», «Орзу» ва ғ. аз бозёфтҳои тозаи эҷодии А. мебошанд. Истеъдоди баланди ҳунариаш дар иҷрои рақсҳои халқҳои гуногуни дунё низ зоҳир мегашт. Хидмати А. дар тарбияи раққосони ҷавон калон аст, Ансамбли «Зебо» таҳти роҳбарии ӯ ба дастовардҳои бузурги эҷодӣ муваффақ гардид. А. ҳамчунин дар чандин спектаклҳо («Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, «Ашрофпараст»-и Ж. Молер, «Рамаяна»-и Н. Гусева, «Лулидухтар Аза» ва ғ.) ролҳои асосиро (бо рақсаш) бозидааст. А. ба бисёр шаҳрҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, кишварҳои дунё: Афғонистон (1966, 1972, 1981, 1984), Булғория (1968), Англия (1969), Белгия (1969), Люксембург (1969), Шотландия (1969), Чехословакия (1975), Ироқ (1977), Бирма (1978), Непал (1978), Шри-Ланка (1978), Тунис (1981), Япония (1984), Испания (1986) сафари ҳунарӣ намудааст. Дорандаи ҷоизаи Фестивали умумиҷаҳони ҷавонон ва донишҷӯён дар София (1968), Мукофоти комсомолии ленинии Тоҷикистон (1968) ва умумииитифоқ (1982, ҳамроҳи ансамбли «Зебо). Бо медали ҷашнии «Барои меҳнати шуҷоатнок. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. Н. Ленин» ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.



АМИНЗОДА́ Муҳиддин (22. 3. 1904, Хуҷанд – 1. 9. 1966, ҳамон ҷо), шоир ва тарҷумони тоҷик. Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон (1964). Аз оилаи мударрис. То с-ҳои 20 а. 20 дар мактаби кӯҳна, сипас дар мактаби нав таълим гирифтааст. Баъди хатми Курсҳои педагогии Самарқанд (1925) муаллимӣ кардааст. Солҳои 1928 – 29 дар Инти мусиқии хореографии Самарқанд таҳсил намудааст. Аз с. 1932 роҳбари адабии Театри драмаи мусиқии Хуҷанд. Дар омӯзишгоҳи мусиқӣ низ дарс гуфтааст. Соли 1937 дар Театри мусиқии Душанбе (ки он с. 1940 ба Театри опера ва балет табдил ёфт) кор кардааст. Дар охирҳои умр А. дар ш. Хуҷанд зиндагӣ карда, асосан ба кори эҷодӣ машғул шудааст. Дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ махсусан мақ. «Хорпуштак», г. «Ҳақиқати Ленинобод» шеърҳо, мақолҳо, ҳачвияҳояш чоп мешуданд. Аввалин шеърҳояш нимаи дуюми с-ҳои 20 дар г. «Овози тоҷик» ва мақ. ҳачвии «Мулло Мушфиқӣ» чоп шудаанд. Нахустин мақмӯаҳои ашъораш «Шеърҳо» (1935), «Чаман» (1937) ном доштанд. Минбаъд мақмӯаҳои дигараш «Баҳори Ватан» (1940), «Садои зафар» (1944), «Шеърҳои мунтахаб» (1948, 1949, 1952, 1954, 1956), «Баҳори дил» (1964) аз чоп баромаданд.

Эҷодиёти А. дар назми шӯравии тоҷик мавқеи махсус дорад. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоир дар с-ҳои 20 – 30 васфи Инқилоби Октябр, озодии занон, корнамоии мардуми тоҷик дар сохтмони ҳаёти нав, васфи Ватани сотсиалистӣ, тарғиби илму дониш, ҳаёти хушбахти ҷавонони шӯравӣ, мазаммату танқиди боқимондаҳои дунёи феодалӣ ва урфу одатҳои гузашта мебошанд. А. дар солҳои ҶБВ (1941 – 45) як силсила шеърҳои ватандӯстона аз қабили «Шамшери бурро», «Тешабой», «Сухани комсомол», «Ба модарам – Ватанам» ва ғ. навишта, қаҳрамонии мардуми тоҷикро ба муқобили фашизм тасвир ва тавсиф намудааст. Дар солҳои пас аз ҷанг мушаххасбаёнии А. боз такмил ёфт. Аксар шеърҳои ӯ мавзӯи муайян дошта, ба муносибати ягон воқеа ё санаҳои таърихӣ эҷод шудаанд. Яке аз мавзӯъҳое, ки А. бо тақозои замон пайваста ба он мурочиат кардааст, тасвири симои В. И. Ленин мебошад. Дар бораи ин шахс шеърҳои зиёде эҷод кардааст, ки дар мақмӯаҳои ашъораш ҷой гирифтаанд. Тасвири дӯстии халқҳои озодихоҳи ҷаҳон, васфи шаҳру деҳоти кишвар (собиқ ИҶШС), фатҳи коинот низ дар шеърҳои А. мақоми муҳим доранд. А. дар инкишофи шаклу анвои шеър ва воситаҳои тасвири назми тоҷик ҳиссагузорӣ кардааст. Вай яке аз бунёдгузорони шеъри ҳачвӣ дар адабиёти тоҷики замони шӯравӣ мебошад. Солҳои ҶБВ (1941 – 45) ҳачвиёти А. ривоҷ пайдо кард ва дар он ваҳшонияту ҷаҳолат, тарсончакию буздилии фашистон сахт мазаммат ва маломат шудаанд («Моҷарои валенкӣ», «Асп ва генерал» ва ғ.). Дар солҳои пас аз ҷанг фаъолияти ҳачвнигории А. хеле вусъат ёфт. Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, хусусан мақ. «Хорпуштак» мунтазам ҳачвияҳояш чоп мешуданд. Вай аз

ташкилдиҳандагони гӯшаи ҳаҷвии «Анбур» дар г. «Ҳақиқати Ленинобод» буд. Аксар шеърҳои А. ба мазаммати хислатҳои бад ва ношоистаи одамон – манманӣ, суханчинӣ, хушомадгӯӣ равона шудаанд. А. муаллифи зиёда аз панҷоҳ суруд, дуэту лапар аст. Аксари онҳо ҳоло ҳам дар барномаи эҷодии ҳофизони тоҷик побарҷой ҳастанд. Шоир с. 1940 ҳамроҳи Р. Ҷалил достони «Ленинобод»-ро навишт, ки дар бораи таърихи гузаштаву имрӯзаи шаҳри бостонии тоҷикон Хуҷанд баҳс мекунад. Дар мавзӯи ташаккули синфи коргари тоҷик намоишномаи мусиқии «Шараф»-ро таълиф намуд ва он дар Театри мазҳакаи мусиқии Хуҷанд с. 1935 ба саҳна гузошта шуд. А. мутарҷими соҳибистеъдод буда, тарҷумаи «Фарҳод ва Ширин»-и А. Навоӣ (ҳамроҳи Р. Ҷалил) ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Умуман, аз адабиёти халқҳои собиқ шӯравӣ А. зиёда аз 130 ҳазор мисраъ шеър, ду повест, чандин ҳикоя, зиёда аз 20 драмаи мусиқӣ ва либреттои 10 операро тарҷума кардааст. А. устоди тарҷумаи эквиритмӣ (тарҷума бо риояи вазну оҳанг) буд. Асарҳои А. С. Пушкин «Борис Годунов», «Лӯлиён», масалҳои И. А. Крилов, шеърҳои М. Ю. Лермонтов, Т. Г. Шевченко, И. Франко, «Духтар ва марг»-и М. Горкий, «Мамлакати Муравия»-и А. Твардовский, «Сирри ҳарбӣ»-и А. Гайдар, «Писархонди полк»-и В. Катаев, шеърҳои Махтумқулӣ, Нозим Ҳикмат, К. Симонов, Е. Долматовский, П. Бровка, Ҷамбул Ҷабаев, С. Сталский, Г. Леонидзе, Ҳамза, Ғафур Ғулом, Собир Абдулло, Аширмат, порчаҳо аз достони «Палангинапӯш»-и Шота Руставели, эпоси армании «Довуди Сосунӣ», пйесаи мусиқии У. Ҳоҷибеков «Оршин мол-олон» ва ғ.-ро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Дар ш. Хуҷанд хона-музейи А. ташкил карда шудааст. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1936.

Ос.: Куллиёт, ч. 1, Д., 1976; ч. 2, Д., 1980.

Ад.: Очерки таърихи адабиёти совети тоҷик, ч. 1, Сталинобод, 1956; Асрорӣ В., Муҳиддин Аминзода, дар кит. М. Аминзода, Баҳори дил, Д., 1964; Набиев А., Талху ширин чун панди падар, мач. «Садои Шарқ», 1984, № 8.

А. Набиев.

АМИНЗОДА́ Мӯҳсин Муҳиддинович (тав. 10. 3. 1954, ш. Хуҷанд), шоири тоҷик. Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1980). Корманди идораи полиграфия ва савдои китоби ш. Хуҷанд (1980 – 81). Аз моҳи майи с. 1981 муҳаррири Кумитаи телевизион ва радиои вил. Суғд. Ашъороаш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъии «Риштаборон» (1984), «Навсафар» (1987) чоп шудаанд. Ба қалами ӯ маҷмӯаҳои ашъори «Чашма» (1989), «Сояи хаёл» (1999) тааллуқ доранд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1999.

Н. Сунатниё.

АМИ́НИ НАҶҶО́Р Абусарроқа Абдурраҳмон ибни Аҳмади Балхӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Дар зодгоҳаш – Балх таҳсил карда ба камол расидааст. Ба касби наҷҷорӣ (чӯбтарошӣ) низ машғул буд, аз ин рӯ, «Наҷҷор» ба номи ӯ илова гардидааст. Дар сарчашмаҳои адабӣ чун шоири доираи адабии Ғазнин ёд шудааст. Ба қавли *Авфӣ* «шеъри ӯ завқи айёми ҷавонӣ ва таровати самои ағонӣ дорад». Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» як қасидаи ӯро намуна овардааст. Аз мазмуни қасида бармеояд, ки монанди Унсурию Фаррухӣ дар сафарҳои ҷангии Маҳмуди Ғазнавӣ иштирок кардааст ва ё онҳоро васф намудааст. Аз осори А. Н. намунаҳо ба тавассути тазкираҳо боқӣ мондаанд. Абёти зер аз ӯст:

Зиреҳпӯш, турки ман – он моҳпайкар,
Зиреҳ дорад аз мушк бар моҳи анвар.
Кӣ дидаст мушки мусалсал зиреҳсой?
Кӣ дидаст моҳи мунаввар зиреҳвар?
Ба мушк андараш Тиру Баҳрому Зӯҳра,
Ба моҳ андараш савсану мушку абҳар…

Ад.: Абдуллоев А., Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI, Д., 1979.

А. Абдуллоев.

АМИ́НИ ИСТАРАВШАНӢ (таҳаллус, ном ва насаб Аминҷонов Турсунпӯлод Турдимуродович (тав. 25. 5. 1949, ш. Ӯротеппа), шоир ва рӯзноманигори тоҷик. Корманди шоистаи Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи УДТ (1971). Дар идораҳои сиёсӣ-байналхалқӣ, иқтисодӣ, инчунин идораи барномаҳо барои ҷавонон ва бачагони радио ва телевизиони тоҷик (1971 – 2006) дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Аз с. 2006 муовини сардори Раёсати ҳамоҳангсозии барномаҳо ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ. Маҷмӯаҳои ашъори А. И. «Назми Парвин» (1999), «Бахти хусравонӣ» (2000), «Нигини сиришк», «Муноҷоти ошиқ» (ҳарду 2006), «Сарводаи каромат» (2009) ба табъ расидаанд. Муаллифи силсилафилми «Роҳи муқаддас» (дар бораи ҷараёни Ҳаҷ) мебошад. Озодӣ, сулҳ ва ватандӯстӣ ғояи асосии осори А. И.-ро ташкил медиҳанд. Дар анвои адабии ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ,



Аминии Истаравшанӣ.



Аминов Азимҷон.

шеър эҷод мекунад. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. (1989) сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2006.

АМИНИ́И САМАРҚАНДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ чун шоири хушсӯҳбат, соҳиби зеҳни тезу хотираи мустаҳкам, дорои табъи салим ёд шудааст. Дар охири умр ба Балх рафт. Бо тахалл., «Мавҷӣ» низ шеър гуфтааст. Абёти зерин аз ӯст:

Аз он замон, ки ин ҷаҳонро Худой кард падид,
Кашем миннати дунон барои нафси палид.
Палиду гавдану беақл нокасе бошад,
Касе, ки аз пайи дунон барои нафс давид…
Бурид меҳр зи дунон Аминии бедил,
Чу ҷуръае зи майи шеър бениёз кашид.

* * *

Бастам ба мижа чашми бади каҷназаронро,
Оре, кӣ тавон баст ба мех оби равонро.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973.

АМИНИ́И ХИЁБОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (ох. а. 16 – ибт. а. 17). Дар Бухоро зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ба қавли тазкиранигор Хоҷа Ҳасани *Нисорӣ* («*Музаккир-ул-аҳбоб*») А. Х. аз шоирони боистеъдод буда, муаммо мегуфтааст, дар кушодани муаммо маҳорат доштааст. Аз девонаш иттилое нест. Абёти зерин аз ӯст:

Чунонки хатти лабат тоза мекунад ҷонро,
Касе дигар чӣ кунад Хизру Оби ҳайвонро.
Агар ба хатти ту зад лоф мушки Чин, ту маранҷ,
Ки аз камоли хато гуфт ин парешонро.
Ба даври ҳусни ту шуд дидаҳо чу абри баҳор,
Ки ҳаст хосияти мавсими баҳоронро.
Аминиё, зи Бухоро марав ба ҷойи дигар,
Мадеҳ ба равзаи ҷаннат сари хиёбонро.

У. Назиров.

АМИНӢ Абумуҳаммад, машҳур ба Хоҷакалони Даҳбедӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Пас аз таҳсили илмҳои мадрасавӣ худ ба тадрис машғул шуд. Тазкиранавис *Мутрибӣ*, ки дар бораш маълумот додааст, яке аз шогирдони ӯ буд. Дар

тазкираҳо аз соҳибдевон буданаш ёд шудааст, вале девонаш пайдо нагардидааст. Абёти зерин аз ӯст:

Савдои он нигор маро мекунад хароб,
Сӯзи даруни сина дилам мекунад кабоб.
Афғонкунон ба кӯи ту ҳар лаҳза меравам,
Бо синаи пуроташу бо дидаи пуроб…
Раҳме агар ба ҳоли Аминӣ намекунӣ,
Мемонад ин фақир паси пардаи ҳичоб.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973. *Ҳ. Қаландаров.*

АМИ́НОВ Азимҷон (тав. 11. 5. 1951, Душанбе), адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик. Хатмкардаи факти филологияи УДТ (1974). Аспиранти Ин-ти адабиёти ҷаҳонии АИ СССР (1977 – 80), ходими илмии ИЗА ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ (1981 – 98), сармутахассиси шӯъбаи иттилоот ва иртибот бо омма ва шӯъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ (1998 – 2003), ноиби ректори ДДСТ ба номи М. Турсунзода (2003 – 06), ноиби ректори Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон (2006 – 08). Аз с. 2009 дотсенти кафедраи назария ва амалияи ВАО-и ДСРТ. Ба таҳқиқи адабиёти замони шӯравӣ машғул шудааст. Дар китоби «Рубоӣ ва лирикаи фалсафӣ дар шеъри шӯравӣ» (1988), хусусияти осори назмии с-ҳои 80 а. 20-и тоҷикро бозгӯ кардааст. Муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ доир ба назарияи тарҷума ва жанрҳои журналистика. Барои донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи журналистика ва филология китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ таълиф намудааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1992.

АМИ́НОВ Нериё (1916, ш. Самарқанд – 1998, ШМА), сароянда ва оҳангсоз, Ҳофизи халқии РСС Тоҷ. (1946). Фаъолияти ҳунариро дар дастаҳои ҳаваскори ҳунарии мактабӣ оғоз намуда, дар студияи Театри давлатии драмавию мусиқии ба номи Муқимии ш. Тошканд (1930 – 31) сайқал додааст. Солҳои 1932 – 34 роҳбари Театри мусиқии ноҳ. Нуратои вил. Самарқанд, 1935 – 38 роҳбари бадеии дастаи ҳунарии ш. Самарқанд, 1938 – 74 сарояндаи дастаи ҳунарии телевизион ва радиои Тоҷикистон буд. Аз сарояндагони хуби савту навоҳои «Шашмақом» ва сурудҳои классикию халқӣ ба шумор меравад. Сурудҳои «Ба Ватан», «Дили мо», «Эй бодапарастон», «Аҳду вафо», «Дубарга», «Ошиқам», «Савти Сабо», «Дугоҳ» ва ғ. аз маҳорати баланди сарояндагии А. дарак медиҳанд. Мусаннифи беш аз сад суруду тарона. Иштирокдори озмунҳои мусиқӣ (1929, Самарқанд; 1944, Тошканд), Даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (1941, 1949). Шогирдони бисёре тарбия намудааст.

Ад.: Таджикское искусство, М., 2002; Ҳакимов Н., «Шашмақом» дар қарни XX, Х., 2006; Донишномаи Шашмақом, Д, 2009.

АМИ́НОВ Ҳусейн Ҷумъаевич (тав. 2. 10. 1946, ноҳ. Қизилтеппаи вил. Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон), духтури кӯдакон, доктори илмҳои тиб (2006), Аълочии тандурустии ҶТ. Хатмкардаи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (1969). Духтури минтақавии бемориҳои кӯдакони Дармонгоҳи кӯдаконаи ш. Қӯрғонтеппа (1969 – 71), духтури кӯдакон ва сардухтури беморхонаи минтақавии Кофарниҳони ноҳ. Орҷоникидзеобод (1971 – 74), ординатори клиникии кафедраи педиатрияи факултавии ДДТТ (1974 – 76), духтури бригадаи эҳёгарии кӯдакони Бунгоҳи ёрии таъҷилии тиббии ш. Душанбе (1976 – 78), ассистент, муаллими калон, дотсент ва иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи бемориҳои кӯдакон №1-и ДДТТ (1978 – 2003), сардори шӯъбаи ташкили хадамоти тиббии модар ва кӯдаки Вазорати тандурустии ҶТ (2003 – 06), дотсенти кафедраи бемориҳои кӯдакони №1-и ДДТТ (2007 – 08). Аз с. 2008 мудири ҳамин кафедра. Муҳаққиқи мавзӯи масунияти мутобиқатӣ дар сохтори бемориҳо ва фавти кӯдакон дар шароити номусоиди экологӣ. Муаллифи зиёда аз 40 китобу мақолаҳо, тезисҳои илмӣ, 5 тавсияномаи методӣ барои духтурон.

Ос.: Характеристика нефропатий у новорожденных от матерей с патологией органов мочевой системы, Д., 2006; Протоколы лечения основных заболеваний детского возраста, Д., 2006; Стандартные схемы лечения основных заболеваний неонатального возраста, Д., 2007; Гестационый диабет, Д., 2008.

АМИ́НОВ Шомил (тав. 20. 3. 1935, Самарқанд), иқтисоддони тоҷик, доктори илмҳои иқтисодӣ (1981). Хатмкардаи УДТ (1959). Аспирант (1959 – 62), лаборанти калон (1962 – 63), ходими хурди илмӣ (1963 – 64), ходими калони илмӣ (1964 – 82), мудири сектори шӯъбаи сохтмони комплексии Ин-ти иқтисодиёти АИ РСС Тоҷ. (1982 – 84), мудири шӯъбаи Ин-ти иқтисодиёти Госплани Тоҷикистон (1985 – 91). Соли 1991 ба ШМА ҳиҷрат намуд ва ҳоло муқими ш. Ниюёрк мебошад. А. оид ба масъалаҳои тараққиёти комплексӣ ва ҷойгиронии саноатии масолеҳи бинокорӣ дар шароити Осиёи Миёна ва махсусан Тоҷикистон қариб 100 таълифот ба забонҳои гуногун нашр намудааст.

Ос.: Индустрияи бинокории Тоҷикистон, Д., 1967; Асоси бинокории Тоҷикистон, Д., 1975; Комплексное развитие промышленности строительных материалов Средней Азии, Д., 1973; Проблемы размещения производства строительных материалов Средней Азии, Д., 1973.

Д. Амонова.



Аминов Ҳусейн.



Аминов Шомил.

АМИНОКИСЛОТА́ҲО, синфи пайвастҳои органикӣ, ки дар таркибашон гурӯҳи карбоксил (COOH) ва аминогурӯҳ (NH_2) мавҷуд аст. А. хосияти кислотагӣ ва асосӣ доранд. Вобаста аз сохтор А. алифатӣ ва ароматӣ мешаванд. Чанд навъи А.-и алифатӣ, мас., α-, β-, γ- ва ғ. маълуманд. Аз α-аминокислотаҳо сафедаҳо ва пептидҳо таркиб ёфтаанд. Онҳо дар равандҳои муҳими биологӣ иштирок мекунанд. α-Аминокислотаҳо пайвастҳои гетерофункционалӣ буда, гурӯҳи карбоксилӣ ва аминӣ доранд, ки ба як атоми карбон пайваст шудаанд. Аз рӯи табиати радикал (R) α-аминокислотаҳоро ба алифатӣ, ароматӣ ва гетеросиклӣ ва вобаста ба адади умумии гурӯҳи карбоксил ва аминогурӯҳ ба нейтралӣ (як гурӯҳи COOH ва як гурӯҳи NH_2 доранд), асосӣ (як гурӯҳи COOH ва ду гурӯҳи NH_2 доранд) ва турш (ду гурӯҳи COOH ва як гурӯҳи NH_2 доранд) ҷудо мекунанд. А. моддаҳои кристаллии беранг буда, дар об нағз ҳал мешаванд. Бисёри онҳо таъми ширин доранд. А. моддаҳои амфотеранд, бинобар ин бештар дар намуди иони дузаряда дучор мешаванд. Манбаи асосии α-аминокислотаҳо барои организмҳои зинда сафедаи хӯрокӣ мебошад. Бисёр α-аминокислотаҳоро худи организм синтез мекунад. А.-еро, ки аз берун ба организм ворид мешаванд, А.-и ивазнашаванда меноманд (мас., валин, лейтсин, изолейтсин, лизин, треонин, метионин, фенилаланин, триптофан ва ғ.). Ҳангоми баъзе бемориҳо, хоса бемориҳои модарзодӣ, адади А.-и ивазнашаванда меафзояд. Чунончи, ҳангоми бемории фенилкетонурия организм тирозинро синтез намекунад. Талаботи шаборӯзии А.-и ивазнашаванда барои одами калонсол тақр. 1г аст. Ҳангоми норасоии А. дар хӯрок (триптофан, лизин, метионин) синте-

зи сафеда ва бисёр моддаҳои зарурии организм ғайриимкон аст. Баъзе А. дар организми ҳайвонот аз моддаҳои бенитроген бо роҳи бозаминонӣ (трансаминонӣ) ҳосил мешаванд. А. дар организм барои синтез ва ресинтези сафеда, ҳамчунин гормонҳо, аминҳо, алкалоидҳо, коферментҳо, пигментҳо ва ғ. истифода мегарданд. А.-и зиёдатӣ то маҳсули ниҳоии мубодила (дар одам ва ширхӯрҳо то мочевина, CO_2 ва об) таҷзия мешаванд (ҳангоми он энергияи барои фаъолияти ҳаёт зарур ҷудо мешавад).

Усулҳои ҳосил кардани А. бисёранд: сиангидринӣ (таъсири сианиди аммоний ба алдегиду кетонҳо), аммонолизи кислотаҳои α-галогенкарбонат (дар организм чун ашё кетонокислотаҳо ё α-аминокислотаҳои дигар истифода мешаванд), аминонии барқароркунанда, трансаминонӣ ва ғ. Баъзе А.-ро аз маҳсули гидролизи сафедаҳо ҷудо мекунанд. Мас., кислотаи глутаминатро аз казеин, тирозинро аз фиброини абрешим, аргининро аз желатина, гистидинро аз сафедаи хун ва ғ. А.-и дигарро бо роҳи синтез (мас., кислотаи глутаминат, метионин, лизин) ҳосил менамоянд.

А.-ро дар тиб барои табобати бемориҳои аъзои ҳозима, ҷигар, камхунӣ, сӯхта, захми меъда ва ғ. истифода мебаранд. Вояи ғизои чорво бояд дорои ҳамаи А.-и зарурӣ бошад. Талаботи ҳайвонот ба А. гуногун аст, мас., микрофлораи пешмеъдаи ҳайвоноти жованда А.-ро аз аммиаке, ки ҳангоми таҷзияи сафеда ё моддаҳои ғайрисафедавии нитрогендор (мас., карбамид) ҷудо мешаванд, синтез мекунад. Барои ҳайвонот меъёри А. вуҷуд надорад, вале бо мақсади пурра кардани вояи хӯроки онҳо аз карбамид истифода мекунанд. Зиёд шудани А. ба организм таъсири манфӣ мерасонад.

Ад.: Грандберг И. И., Органическая химия, М., 1974; Тюкавкина Н. А., Бауков Ю. И., Биоорганическая химия, М., 1985; Самиев М., Методические разработки по теоретическому курсу биоорганической химии, ч. II, Д., 1984; Филиппович Ю. Б., Основы биохимии, М., 1995. *М. Самиев.*

АМИНОҚА́НДҲО, пайвастҳои органикие, ки дар молекулаашон гурӯҳҳои хоси қандҳо – гурӯҳҳои алдегидӣ (CHO) ё кетонӣ (CO), якчанд гурӯҳи гидроксил (OH) ва як ё ду аминогурӯҳ (NH_2) мавҷуд аст. Силсилаи карбонии А. шоханок ё бешоха мешавад. Чун ҳосилаи моносахаридҳо А. хосияти барқароркунандагӣ доранд, ба ҳамаи реаксияҳои қандҳо дохил мешаванд, хосияти асосҳои органикиро низ зоҳир менамоянд. А. дар бофтаҳои растанӣ, ҳайвонот, микроорганизмҳо, дар таркиби сафедаҳои мураккаб ва липидҳо, полисахаридҳо, гликозидҳо, инчунин дар таркиби бисёр гормонҳо, антибиотикҳо ва дигар моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ муҳим низ мавҷуданд. А.-и глюкозамин ва галактозамин бештар маъмуланд. Бисёр А. бо роҳи синтез ҳосил карда шудаанд.

АМИНОНА́, навъе аз молиёт, ки дар *Аморати Бухоро,* вил-ҳои Самарқанду Фарғона то *Инқилоби Октябр* маъмул буд. А. аз ҷумлаи андозҳои ғайришаръӣ буда, асосан барои хазинаи давлат ва ҳамчунин ҷиҳати таъминоти амини бозор (маъмури амволу ашё) ситонда мешуд. Шароити амал, таъйини ҳаҷм ва андозаи А. дар ҳамаи шаҳрҳову бозорҳо дақиқан маълум нест, аммо фақеҳони исломӣ ҳаҷми А.-ро дар бозорҳои Бухоро баробари 1 ё 1,5 дар сади нархи куллии мол таъйин карда буданд. А. тақр. аз ҳамаи амволе, ки ба бозорҳо ворид мешуданд, ситонда мешуд (мас., с. 1920 аз фурӯши 2 батман пахта 11,5 танга; аз 1 батман пашми гӯсфанд – 5 – 7 танга; аз 1 сар шутур 2 танга молиёт мегирифтанд). Ҳарчанд А. андози ғайришаръӣ ва барои амволи тиҷорат пешбинӣ шуда бошад ҳам, вале давлат бо ҳар баҳона (барои харочоти ҷанг, ҷиҳати омодагӣ ба юришҳо ва ғ.) аз раият меситонд. Адои А. барои мардум хеле гарон ва тоқатфарсо буд. Ин вазъро шоҳиди ҳамон давраи таърих Аҳмади Дониш чунин навишта буд: «Лекин фуқарою раоёро маҷоли ҳаракату сукун набуда, аз фарти зулму зачр ва олуқу солуқ, мисли аминона ва вакилона».

Ад.: Маджлисов А., Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX веке, Д., – Алма – Ата, 1967; Аҳмад Маҳдуми Дониш, Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития, Д., 1992. *Л. Бойматов.*

АМИНОНӢ, усули ба пайвастҳои гуногуни органикӣ дохил намудани аминогурӯҳ – NH_2. Якчанд роҳи А. маълум аст. Яке аз онҳо таъсири амиди металлҳои ишқорӣ ба пайвастҳои гетеросиклӣ мебошад. Мас., бинобар таъсири ҳамдигарии пиридин бо амиди натрий дар ҳарор. 200°C α-аминопиридин, ҳангоми аз найчаи тафсон гузарондани буғи бензолу аммиак бошад, анилин ҳосил мешавад.

$$C_5H_5N + NaNH_2 \rightarrow$$
$$\rightarrow C_5H_5N(NH_2) + NaH$$

$$C_6H_6 + NH_3 \rightarrow C_6H_5NH_2 + H_2$$

Усули нисбатан муҳими А. ҳосил намудани *аминокислотаҳо* бо роҳи А.-и α-галогенокислотаҳо аст. Он бо якчанд роҳ сурат мегирад: А.-и α-галогенокислотаҳо ё эфири онҳо бо миқдори зиёди аммиак; истифодаи фталамиди калий ба ивази аммиак; усули сиангидринӣ, яъне таъсири кислотаи сианид ба алдегид ва кетонҳо. Усули охириро олимон Н. Д. Зелинский ва Т. Стадник такмил доданд. Онҳо ба ҷойи кислотаи сианиди захрнок сианиди калий ва хлориди аммонийро истифода намуданд. А.-ро бо роҳи таъсири якҷояи аммиак ва гидроген ба α-кетокислотаҳо (бо иштироки катализатор, мас., Pt, Pd) низ гузарондан мумкин аст. Онро А.-и барқарорсозанда меноманд. Реаксияи мазкур дар организм низ ба амал меояд. Дар ин маврид чун унсури барқарорсоз коферменти НАДН амал хоҳад кард. Мас., кислотаи α-кетоглутарати ҳуҷайра (маҳсули мубодилаи карбогидратҳост) ба кислотаи L-глутаминат табдил меёбад. Яке аз усулҳои А., ки аҳамияти амалӣ дорад, ба аминогурӯҳ иваз намудани гурӯҳи гидроксили фенолҳост. А.-и фенолҳои якатома душвор, вале А.-и фенолҳои сератома нисбатан осон ҷараён мегирад.

Ад.: Перекалин В. В., Зонис С. А., Органическая химия, М., 1966; Тюкавкина Н. А., Бауков Ю. И., Биоорганическая химия, М., 1985; Самиев М. С., Методические разработки по теоретическому курсу биоорганической химии, ч. II, Д., 1984. *М. Самиев.*

АМИНОПЛА́СТҲО, пластикаҳои карбамидӣ; пластмассаҳое, ки дар асоси зифтҳои синтезӣ ҳосил карда шуда, хосияти термореактивӣ доранд. Бештар А.-и асосашон зифтҳои мочевина-формалдегидӣ ва меламин-формалдегидӣ маъмуланд. А. ба таъсири равшанӣ тобовар буда, бӯй надоранд, рангро мегиранд (ранг кардан мумкин), аз ҷиҳати физиологӣ безарар мебошанд. Онҳо ба таъсири кислотаҳо ва ишқорҳои суст, спирт, бензин, атсетон, хлороформ ва дигар моддаҳои органикӣ устуворанд. Маснуоте, ки аз зифтҳои меламин-формалдегидӣ тайёр карда мешаванд, нисбат ба маснуоти аз зифтҳои мочевина – формалдегидӣ таҳияшуда ба таъсири гармӣ ва намӣ устувор мебошанд. А.-ро дар саноат дар намуди хокаи фишурда, пластикаҳои варақин ё маводи масомадор истеҳсол мекунанд. Барои хокаҳои фишурда орди чӯб, талқ, азбест ва дигар моддаҳоро кор мефармоянд. Зичии маснуоти аз зифти мочевина-формалдегидӣ тайёркарда 400 кг/м^3, устувориаш ҳангоми ёзидан 350 – 500 кгс/см^2 аст. Аз хокаҳои фишурда чарчинворӣ,

ашёи хониш, асбоби рӯзгор, бозича, қисмҳои асбобҳои барқӣ, куттии телефон, телевизор ва ғ. месозанд. Ҳангоми ҳосил кардани пластикаҳои варақин чун пуркунанда ба онҳо коғаз, маводи пахтагӣ, асбестӣ ва шишагӣ ҳамроҳ мекунанд. Зичии чунин пластика 1400 кг/м^3, устувориаш ҳангоми қат кардан 1000 кгс/см^2, намкашиаш тақр. 4% аст. Бинобар шаффоф буданаш А.-ро барои тайёр кардани ашёи ороиш (рӯйпӯши мизҳо, деворҳо, дукончаҳо ва ғ.) истифода мебаранд.

АМИНОСПИ́РТҲО, аминоалкоголҳо, пайвастҳои органикие, ки дар атомҳои карбони молекулаашон гурӯҳҳои – NH_2 ва – OH мавҷуданд. Моддаҳои равғанмонанд буда, хосияти асосӣ доранд. А.-ро аз окиси этилен ва алкиленҳои дигар бо таъсири аммиак ё аминҳо ҳосил кардан мумкин аст. Усули дигари ҳосил кардани А. низ вуҷуд дорад, мас., аз галогенгидринҳо зери таъсири аммиак, аминҳо ё фталамиди калий, бо роҳи барқарор намудани аминоалдегидҳо, аминокетонҳо ва эфири кислотаҳои аминокарбонат. А., хоса этаноламин, моеи ғализ (ҳарор. ҷӯшишаш 171°C) буда, дар таркиби фосфатидҳо вомехӯрад. Онро аз окиси этилен ё этиленимин ҳосил кардан мумкин аст.

Бо кислотаҳо намак ҳосил мекунад. Ҳосилаи он – димедрол хосияти зиддиаллергӣ ва хобоварӣ дорад. Холин низ мансуби А. аст. Дар таркиби липидҳои мураккаб вуҷуд дорад. Ҳамчун моддаи витаминмонанд дар организм мубодилаи чарбро ба танзим медарорад. Эфири холин ба кислотаи атсетат – атсетилхолин нейромедиатор (интиқолдиҳандаи импулсҳо дар бофтаҳои асаб) мебошад. Он дар организм дар натиҷаи атсетилонии холин зери таъсири атестилкоферменти А. ҳосил мешавад. Ҳосилаҳои дигари холин – атестилхолинхлорид, карбамоилхолинхлорид (карбахолин), суксинилхолинйодид (дитилин) ва ғ. низ дар тиб корбаст мешаванд. Дорухои холин давои бемориҳои ҷигар мебошанд. Катехоламинҳо, яъне *аминҳои биогенӣ* низ ба А. мансубанд.

Ад.: Степаненко Б. Н., Курс органической химии, М., 1979; Тюкавкина Н. А., Бадков Ю. И., Биоорганическая химия, М., 1985; Самиев М., Методические разработки по теоретическому курсу биоорганической химии, ч. I, Д., 1984. *М. Самиев.*

АМИНОФЕНО́ЛҲО, карбогидридҳои ароматӣ, ки дар сиклашон гурӯҳҳои –NH_2 ва –OH доранд. Вобаста ба мавқеи аминогурӯҳ ва гурӯҳи гидроксил о-Аминофенол, м-Аминофенол ва n-Аминофенол маълуманд. Усули умумии ҳосил кардани А. барқарор намудани нитрофенолҳо мебошад:

$$C_6H_4(NO_2)\,OH + 6H \rightarrow$$
$$\rightarrow C_6H_4(NH_2)OH + 2H_2O$$

Дар саноат А.-ро бо роҳи дар иштироки кислотаи сулфати консентронида барқарор намудани нитробензол ҳосил мекунанд. А. моддаҳои сахти кристаллии беранганд; дар ҳавои нам оксид шуда, ранги ҷигарии сиёҳтоб мегиранд. Маҳлули обии А. ба зудӣ таҷзия мешавад; хосияти асосӣ зоҳир менамоянд; бо кислотаҳо намак ва дар ишқорҳо ҳал шуда, фенолят ҳосил мекунанд. Мета- ва пара- изомерҳои А. барои истеҳсоли рангҳои сулфурдор ва баъзе рангҳои дигар (мас., рангҳои ҷигарӣ барои пашм); пара- изомери А. ва ҳосилаҳои он, мас., метол дар суратгирӣ чун падиддору истифода мешаванд. Аз ҳосилаҳои А. дар тиб парасетамол ва фенатсетинро чун дорухои рафъи дард ва табшикан истифода мебаранд.

АМИНПУ́Р Қайсар (22. 4. 1959, деҳаи Гутванди вилояти Хузистони Эрон – 30. 10. 2007, Теҳрон), шоир ва муҳаққиқи эронӣ. Хатмкардаи донишгоҳи Теҳрон (1989). Яке аз муассисон ва сардабири нашрияи «Сурӯши навҷавонон» дар Эрон (1974). Устоди Донишгоҳи Ал-Заҳро (1988) ва Донишгоҳи Теҳрон (1991) буд. Осори манзумаш дар маҷмӯаҳои «Танаффуси субҳ» (1984), «Дар кӯчаи офтоб» (1984), «Тӯфон дар паронтез» (1986), «Зуҳри рӯзи даҳум» (1986), «Бе бол паридан», «Гуфтугӯҳои бе гуфтугӯ» (ҳарду 1991), «Оинаҳои ногаҳон» (1993), «Ба қавли парасту» (1996), «Гузинаи ашъор» (1999), «Гулҳо ҳама офтобгардонанд» (2001), «Шеър ва кӯдакӣ» (2006), «Дастури забони ишқ» (2007) ба табъ расидаанд. Инчунин А. рисолаи илмиеро дар мавзӯъи «Суннат ва навоварӣ» дар Теҳрон ҳимоя кардааст (1997). А. шоири навгӯй ва навгӯй буд. Дар офариниши каломи манзум тарз ва услуби баёни хоси худро дошт. А. дар қолаби шеъри сафед ва шеъри суннатӣ эҷодиёти ирфонӣ ва ишқӣ дорад. Барои китоби «Мисли чашма, мисли рӯд» ӯ ба гирифтани ҷоизаи Нимо Юшиҷ (1989) сарфароз гардид. Узви пайвастаи Фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ аз с. 2003.

Ос.: Як дарича осмон, Д., 2010; Ҳамзоди ошиқони ҷаҳон, Т., 2010.

Ад.: Аҷамӣ Муҳаммадалӣ, Ҳақ ба сукут буд..., г. «Адабиёт ва санъат», № 47 (1998).

Қ. Расулиён.

АМИ́НҲО, синфи пайвастҳои органикӣ; ҳосилаи аммиак ё спирти навшодир, ки дар натиҷаи бо радикалҳои органикӣ иваз кардани як ё якчанд атоми гидроген ҳосил мешаванд. Вобаста ба адади атомҳои ивазшудаи гидроген А.-и якумин (RNH_2), дуюмин (R_2NH), сеюмин (R_3N) ва чорумин (R_4NOH) мавҷуданд. Дар табиат А.-и сода кам, А.-и нисбатан мураккаб бештар дучор меоянд, мас., *алкалоидҳо, аминокислотаҳо, аминҳои биогенӣ* ва ғ. Ҳамаи А. хосияти асосӣ дошта, барои ҳосил намудани намаку кислотаҳо қодиранд. А.-и сода газ буда, дар об ҳал мешаванд (онҳо бӯи аммиакро доранд). А.-и олӣ моеъ ё моддаҳои сахтанд; онҳо дар об ҳал намешаванд ва бӯй надоранд. Аз рӯи радикалҳо А. алифатӣ, мас., метиламин – CH_3NH_2, этиламин – $C_2H_5NH_2$, диметиламин – $(CH_3)_2NH$ ва ғ., алисиклӣ, мас., циклогексиламин – $C_6H_{11}NH_2$, дисиклогексиламин – $(C_6H_{11})_2NH$, ароматӣ, мас., фениламин ё анилин – $C_6H_5NH_2$, дифениламин – $(C_6H_5)_2NH_5$), гетеросиклӣ, мас., 2-аминопиридин – $C_5H_4N(NH_2)$ ва ғ. мешаванд. А.-е, ки ду, се ва зиёда аз он аминогурӯҳ – NH_2 доранд, ди –, три – ва полиаминҳо номида мешаванд, мас., этилендиамин – $NH_2CH_2CH_2NH_2$, гексаметилендиамин – $NH_2(CH_2)_6NH_2$.

Роҳҳои ҳосил кардани А. бисёранд. Яке аз онҳо усули бевосита алкилонии аммиак бо галогеналкилҳост. Бо ин роҳ А.-и якумин, дуюмин ва сеюминро ҳосил кардан мумкин. А.-и якуминро метавон дар натиҷаи собунонии ишқории кислотаи изосианат ҳосил кард. А.-ро бо усулҳои барқарор намудани нитропайвастҳо ва нитрилҳо дар иштироки катализаторҳо (Pt, Pd, Ni), конденсатсияи ҳосилаи калийдори фталамид бо галогенпайвастҳо низ ҳосил мекунанд. А. дар табиат дар натиҷаи таҷзияи моддаҳои нитрогендор (мас., аминокислотаҳои сафеда) ба вуҷуд меоянд. А. дар саноат барои истеҳсоли маводи рангубор, дору, полиамидҳо ва ғ. истифода мешаванд.

Ад.: Каррер П., Курс органической химии, Л., 1962; Неницеску К. Д., Органическая химия, т. I, М., 1963; Петров А. А., Балян Х. В., Трощенко А. Т., Органическая химия, М., 1981; Степаненко Б. Н., Курс органической химии, М., 1981. *М. Самиев.*

АМИ́НҲОИ БИОГЕНӢ, гурӯҳи пайвастҳои органикии нитрогендор, ки дар организми одам, ҳайвонот, растанӣ ва бактерияҳо бо роҳи декарбоксилонии аминокислотаҳо, яъне аз молекулаи онҳо ҷудо шудани гурӯҳи

карбоксил – СООН ҳосил мешаванд. Дар организм аминоспиртҳое, ки дар таркибашон боқимондаи пирокатехин (1,2 – дигидроксибензол, катехол) мавҷуд аст (катехоламинҳо), аҳамияти калон доранд. Катехоламинҳо (дофамин, норадреналин, адреналин) дар организм дар натиҷаи мубодилаи моддаҳо ҳосил мешаванд. Баъзе моддаҳои фаъоли биологии табиӣ ва синтезӣ, ки чун дору истифода мегарданд, шабеҳи катехоламинҳо мебошанд (мас., эфедрин, мезатин). Бис- ёр А. б., мас., гистамин, серотонин, норадреналин, адреналин, тирамин ва ғ. ба раванди бордорӣ ва ангезиш, ки дар қишрҳои майна рух медиҳад, таъсир мерасонанд. Баъзе А. б. дар рӯдаи ғафси одам ва ҳайвонот зери таъсири бактерияҳои фасодзо ҳосил мешаванд, ки барои организм захрноканд. Дар организм А. б. бо унсурҳои биохимиявии ҳуҷайра пайваст мешаванд. Ба раванди мазкур кислотаҳои аденозинфосфат, нуклеинат ва карбогидратҳои калонмолекула (мас. гепарин) таъсири мусбат мерасонанд. А. б. дар ҳуҷайраҳо дар ҳолати пайваст дучор меоянд; онҳо фаъол нестанд ва зери таъсири ферменти аминоксидаза қарор намегиранд. Дар маҳсулоти майкашӣ А. б.-и гистамин, тирамин, путрессин, кадаверин, фенилэтаноламин мавҷуданд. Истеъмоли майҳое, ки А. б. доранд, ба организми инсон таъсири манфӣ мерасонанд. А. б. асосан аз майҳои гулгун ёфт шудаанд. Дар майҳои сафед миқдори онҳо аз 1 мг/дм^3 ва дар баъзе навъҳои майҳои гулгун аз 30 мг/дм^3 зиёд нест. Коркарди май бо сорбентҳо боиси кам гаштани А. б. ҳоҳад шуд. Барои туршондани шираи ангур аз мояи соф истифода бурдан беҳтар аст, чунки он ба фаъолияти бактерияҳои туршонандаи шир, ки дар пайдоиши А. б. мақоми асосӣ доранд, роҳ намедиҳад.

АМИНҶО́НОВ Азимҷон Олимович (тав. 13. 1. 1951, ш. Ваҳдат), химик, доктори илми химия (1992), профессор (1992), акад. Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ (1994), узви ҳақиқии АИ Нию-Ёрк (1994), узви вобастаи АИ ҶТ (2008), Ходими шоистаи илми ҶТ (1994). Хатм- кардаи УДТ (1972). Аспиранти Донишкадаи технологии ш. Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург, 1973 – 75), ходими калони илмӣ (1976 – 80), сардори бахши тадқиқоти илмӣ (1980 – 87), муовини аввали ноиб (1987 – 90) ва ноиби ректор оид ба илм (1990 – 95 ва 1999 – 2008) ва аз с. 2009 мудири шӯъбаи пайвастҳои координатсионӣ ва маводи табиии ДМТ. Солҳои 1992 – 2003 ҳамзамон мудири кафедраи химияи ғайриорганикӣ буд. Муаллифи 400 китобу мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 монография ва 40 ихтироот. Мақолаҳояш дар маҷаллаву нашрияҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд. Зери роҳбарии А. 4 нафар рисолаи докторӣ ва 13 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст.



Ос.: Об – мӯъҷизаи табиат, Д., 2003; Химия дар қоидаҳо, таомулҳо, аксҳо ва нақшаҳо, Д., 2004.

АМИНҶО́НОВ Сайфинаҷот (16. 9. 1935, Хуҷанд – 5. 2. 2005, ҳамон ҷо), духтури муолиҷ. доктори илмҳои тиб (1987), проф. (1990), Аълочии тандурустии СССР (1975). Хатмкардаи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1957). Духтури муолиҷаи беморхонаи минтақавии деҳаи Исмоили ноҳ. Хуҷанд (1957 – 59), аспиранти Пажӯҳишгоҳи тибби кишварӣ (1960 – 63) ва корманди Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи АИ ҶТ (1963 – 89), мудири кафедраи таълими бемориҳои даруни ДДТТ (1989 – 92), директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Хуҷанд (1992 – 98), мудири кафедраи терапияи госпиталии филиали ДДТТ дар ш. Хуҷанд (1998 – 2005). Муаллифи беш аз 100 кори илмист, ки ба масъалаҳои гувориш ва нафаскашӣ бахшида шудаанд. Иштирокчии бисёр конференсияву форумҳои байналмилалӣ. Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гаштааст.

АМИ́Р (ар. – ҳукмрон, ҳоким, пешво, сарвар, роҳбар, доҳӣ), унвони сардори қавм ё қабила, ҳоким (дар хилофати араб, ки аз тарафи халифа дода мешуд, чун амиралмӯъминин), кнзяз ва дигар мансабдори намояндагони аъёну ашроф дар мамолики исломии Шарқ ва Африка. А. дар даврaи Умавиён маънои лашкаркашро дошт, ки халифа таъйин мекард. Пас аз забти ягон вилоят ба он сардор таъйин карда, ӯро А. меномиданд. Пас аз паҳн гаштани ислом А. маънои ҳокими мутлақи давлати исломиро ифода мекард (мас., амири Бухоро). Дар даврaи Аббосиён, одатан, А. ҳокимоне буданд, ки ҳокимияти халифаҳоро эътироф мекарданд. Бо ин истилоҳ инчунин собиқ ноибони ба вазифаи халифа таъйиншаванда (Аглабиён, Тоҳириён) ва ҳокимони мустақиле, ки ба воситаи аслиҳа давлат барпо кардаанд (Саффориён, Ғазнавиён, Бувайҳиён), номида мешуданд (дар а. 10 султон низ меномиданд). Дар ох. а. 10 – ибт. а. 11 А. гуфта ҳокимон ё лашкаркашони ба табақаҳои гуногун мансубро меномиданд (айюбиҳо, мамлукҳо). Дар Мовароуннаҳри асримиёнагӣ мансабҳои «амир-ул-умаро» ва «амири шикор» мавҷуд буданд. Пас аз истилои муғулҳо дар Ӯрдаи тиллоӣ (Олтин Ӯрда), Мовароуннаҳр ва Эрон А. гуфта сардорони улус (вилоят)-ҳоро меномиданд. Ин унвонро Темурланг низ соҳиб шуда буд. Дар даврaи Темуриён шоҳзодагонро «амирзода» (писари амир) меномиданд, ки шакли кӯтоҳшудаи форсии «мирзо» аст. Дар замони хонҳои Бухорои то даврaи Манғитиён унвони А. ба сардорони қабилаҳову қавмҳои бонуфузу обрӯманд дода мешуд. Аз ох. а. 18 асосгузори сулолаи Манғитиён – Муҳаммад Раҳимхон ба ҷойи унвони «хон» унвони А. -ро қабул кард. Бо ин амалаш ӯ нишон медод, ки ӯ ҳокими яке аз вил-ҳои давлати ягонаи исломӣ мебошад ва ҳокимияти хонро эътироф мекунад. Пас аз Муҳаммад Раҳимхон ин унвон фақат ба ҳокимони аморати Бухоро мансуб мешуд. Дар Эрони даврaи Сафавиён унвони А. ба ҳокими вилоят, дар Афғонистон аз даврaи Дӯстмуҳаммадхон А. ба ҳокимони қабилаи баракзуйҳо дода мешуд. А. дар замони гузашта унвон ё рутбаи олӣ маҳсуб мешуд: амир-ул-умаро (рутбаи олии ҳарбӣ), амир-ул-баҳр (фармондеҳи қуввaҳои баҳрӣ, адмирал), амир-ул-ҷайш (сипаҳсолор), амир-уш-шуаро (сарвари шоирони дарбор ё давр), амир-ул-ҳуҷҷоб (сардори дарбонҳо) ва ғ. Ҳоло дар баъзе давлатҳои араб (мас., Арабистони Саудӣ) унвони А. ба валиаҳд ва шоҳзодаҳои сулолаи ҳукмрон дода мешавад. Сарварони гурӯҳи калони ҳоҷиёнро, ки ба зиёрати Макка равонанд, низ А. (амир-ул-ҳоҷӣ) меноманд.Ниг. низ *Аморат*.

М. Холов, М. Умаров.

АМИ́Р Хоҷа Амирхон (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16 – ибт. а. 17). Дар Самарқанд таваллуд ёфта ба камол расидааст. Ба Ҳиндустон рафт ва ба кори эҷодӣ машғул шуд. Нигорандаи тазкираи «Нештари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ А.-ро чун амири иқлими суҳандонӣ ва некӯбаёнӣ ёд кардааст. Мавзӯи ашъораш ишқу вафо, танқиди беадолатиҳои замон ва ғ. мебошанд. Абёти зерин аз сурудаҳои ӯянд:

Г уфтамаш: «Ҳаст туро меҳр ба мо?» Гуфт,
ки: «Нест!»
Доғи ин рашки ниҳонам, ки чаро гуфт,
ки: «Нест!»
Гуфтам: «Аз ҳоли Амират хабаре ҳаст оё?»
Чин ба абрӯ бификанду ба адо гуфт,
ки: «Нест».

У. Назиров.

АМИ́Р АЛИАКБА́РИ САМАРҚАНДӢ, мутахаллис ба Устод Қонунии Самарқандӣ (1576, Самарқанд – 1610, ҳамон ҷо), мутриб, оҳангсоз, мусиқидон ва шоири тоҷик. Зодгоҳаш гузари Мӯлиёни Самарқанд. Падари А. низ аз аҳли илму адаб буда, наздиконаш ӯро Мир Мусо ном мебурданд ва ҳокими ондавраи шаҳр ба ӯ номи фахрии «Қутбулақтоб»-ро додааст. А. илмҳои замон, махсусан назарияву амалияи илми мусиқиро аз падараш омӯхтааст. Баъди вафоти падар барои такмили дониш ба Бухоро меравад ва аз *Кавкабии Бухорой* илми мусиқиро меомӯзад. Баъди бозгашт дар Самарқанд мактаби илмии назарияву амалияи мусиқиро таъсис дода, дар он шогирдони бисёреро, аз қабили Дарвеш Бузғолаи Самарқандӣ, Мавлоно Мир Ҳақӣ, Мавлоно Пирмуҳаммади Кулолии Самарқандӣ, Устод Тавлаки Нойӣ, Устод Абдусаттори Қонунӣ, Устод Арабнавои Қобузӣ, Махдумзодаи Котибии Самарқандӣ ва дигаронро тарбия намудааст. А. дар қонуннавозӣ сабки тозае ҷорӣ намуда, аксарияти навозандагони Самарқанду Бухоро равияи ӯро тақлид кардаанд. А. бо дархости Кавкабии Бухорой рисолаеро дар илми мусиқӣ таълиф намудааст, ки, мутаассифона, то мо нарасидааст. Дар қабристони Хоҷа Абдуи Дарун дафн шудааст.

Ад.: Раҷабов А., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Раҷабов.

«АМИР АРСЛО́Н», достони омиёнаест, ки дар а. 19 дар Эрон аз ҷониби Муҳаммадалии Нақибулмамолик – сардори достонгӯёни дарбори Носируддиншоҳ офарида ва нақл шудааст. Ҳамин достони Муҳаммадалии Нақибулмамолик китобат шуд ва дастраси хонанда гардид. Сужети мухтасари «А. А.». чунин аст: Нӯъмон ном тоҷир дар ҷазирае зани подшоҳи Рум (Фаранг) Маликшоҳро меёбад ва ба Миср мебарад. Зан ҳомиладор буд. Пас аз муддате писар таваллуд мекунад ва номашро Арслон мегузорад. Арслон паҳлавони номдор мешавад. Вай сафири шоҳи Фарангро, ки барои бурдани ӯ омада буд, ба қатл мерасонад; лашкари Фарангро шикаст дода, ба тахти падар менишинад. Дар яке аз калисоҳо акси духтари зебоеро мебинад ва ба ӯ ошиқ мешавад. Пас аз ҷустуҷӯ ва рафъи мушкилоти зиёд (ошкор сохтани хиёнати вазирон, задухӯрд бо девҳову аҷинаҳо) ба висоли дилдодааш мерасад. Аз таҳқиқоти доир ба ин асар ба анҷомрасида бармеояд, ки «А. А.» сирф офаридаи Муҳаммадалӣ нест. Вай дар тадвини он аз «Ширӯя» ном достоне, ки дар он замон шӯҳрат дошт, истифода кардааст. Муҳаммадалӣ аз «Ширӯя» лаҳзаҳои такрор, ноҳамвориҳоро дар банду баст рафъ намудааст, тасвирҳоро муҷаз кардааст. Инчунин, ба назар мерасад, ки аз достонҳои «Абумуслимнома», «Амир Ҳамза» истифода бурдааст. Ғояи асосии «А. А.». муборизаи некию бадист. Қаҳрамони достон инсони фаъолу мушкилкушост. Ӯ бар зидди нерӯҳои бад далерона ҷангида, бо ёрии хиради хеш пирӯзӣ ба даст меоварад.

Ад.: Дорри Дж., «Амир Арслан» и его место среди иранских народных дастанов, дар кит. Теоретические проблемы восточных литератур, М., 1969.

АМИ́Р БОҚӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар Косон ба дунё омадааст. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкираash «Музаккирул-аҳбоб» аз А. Б. чун шоири фозилу рангинбаён ёд кардааст. Аз девонаш иттилое нест. Намунаҳои осораш дар тазкираҳо ба назар мерасанд, дар мавзӯъҳои гуногун офарида шудаанд. Байти зерин аз ӯст:

Килки таҳрирам ҳама гулҳои тар овард бор,
Кас надидаст аз найи хушке, ки орад бори гул.

У. Назиров.

АМИ́Р ДАВЛАТЁР (с. тав. ва ваф. номаълум), мусаввири форс-тоҷик (а. 14). Баъди дар санъати мусаввирӣ шӯҳрат ёфтан ба дарбори Султон Абусаид даъват гардид. Дар он ҷо бо устод Аҳмади Мусо дӯст шуда, нозукиҳои ҳунари мусаввириро аз ӯ омӯхтааст. А. Д. бештар дар кашидани тасвирҳои сиёҳқаламӣ (графика) истеъдоди хуб доштааст. Аз осори ӯ то замони мо чизе нарасидааст.

АМИ́Р РӮҲУЛЛО́Ҳ маъруф ба Мираки Наққош (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1507), хаттот ва рассоми форс-тоҷик. Дар Ҳирот ба воя расидааст. Дар овони ҷавонӣ ба камонсозӣ машғул шуда, чанд муддат аз катибанависӣ бар иморатҳо низ рӯз гузарондааст. Баъди шиносоӣ бо наққоши номии замонаш Мавлоно Валиуллоҳ аз ӯ хаттотӣ ва зарфишониро омӯхт. Ба санъати тасвирӣ рағбат пайдо карда, дар ин соҳа ягонаи замон гардид. А. Р. устоди Камолуддин *Беҳзод* аст.

А. Афсаҳзод.

«АМИ́Р ҲАМЗА́», яке аз машҳуртарин достонҳои омиёнаи адабиёти форс-тоҷик. Бо номҳои «Достони амир Ҳамза», «Румузи Ҳамза», «Қиссаи амир Ҳамза» ва «Ҳамзанома» маъруф аст. Чун дигар достонҳои насри омиёна дар ибтидо шифоҳӣ шакл гирифта, бо супориши Ҳамза ибни Абдуллоҳи Хоричӣ ном яке аз соҳибмансабони Эрон дар миёнаҳои а. 9 китобат шудааст. Баъдтар, дар а-ҳои 11 – 12 дар шакли достони мукаммал фароҳам омадааст. Пас аз ин ҳам қиссахонони баъдина шоху баргҳои ҷудогона ба вай афзудаанд ва мундариҷаи он аз ҳисоби ривояту достонҳои хаёлӣ, саргузаштҳои моҷароии айёрон, ҷузъиёти таърихӣ ва ғ. бою рангин гардидааст. Аслан «А. Ҳ.» аз чаҳор ҷилд ё дафтар иборат буда, ба ҳафтод достони хурд тақсим мешавад. Сужети «А. Ҳ.» басе печдарпеч аст. Воқеаҳои он дар дарбори шоҳ бо номи Қубод ва писараш Нӯшервон (аз сулолаи Сосониён) ба вуқӯъ мепайванданд. Зиддият, бухлу ҳасад байни вазирону фарзандони онҳо, таваллуди Ҳамза дар Макка, ки мувофиқи пешгӯии Бузургмеҳри вазир душмани шоҳ хоҳад буд, ишқи Ҳамза ба духтарони Нӯшервон, пайдоиши дини Ислом ва мусулмон шудани Ҳамза ва дар охир дар муҳорибаҳо қатл шудани ӯ якчанд лаҳзаҳоеанд, ки дар достон хеле муфассал, бо ҷузъиёт тасвир шудаанд. Ғояи асосии достони «А. Ҳ.» набарди некӣ бо бадист. Ҳадафи дос тонгузорон дарёфти ҳодисаҳои аҷибу ғариб, саргузаштҳои айёрон аст, ки завқи бадеии мардуми омиро қонеъ мегардонданд. «А. Ҳ.» чун асари мақбули омма ва ҷавобгӯи ниёзҳои зебоишиносии онон дар ҷаҳон, дар байни халқҳои гуногун густариш ёфт. Дар а. 12 нусхаи гурҷии ин асар бо номи «Амирандареҷаниани» ба миён омадааст. Ба забони арабӣ достони омиёнае бо номи «Сираи Ҳамза» маълум аст. Дар а. 15 «А. Ҳ.» дар Индонезия ва Малайзия интишор ёфт. «А. Ҳ.» дар Ҳинду Покистон пас аз тохту тозҳои Маҳмуди Ғазнавӣ шӯҳрати зиёде пайдо кард. Дар замони шоҳ *Акбар* «А. Ҳ.»-ро ба беҳтарин хат навишта ва бо зеботарин нақшҳо оро дода буданд. Соли 1613 Ҳоҷии Ҳамадонӣ «А. Ҳ.»-ро ба забони урду тарҷума кард. Баъдан ин достон такмил ёфта, ба 46 ҷилди ҳазорсаҳифагӣ расид, ки аз с. 1893 то 1917 нашр шудааст. «А. Ҳ.» дар миёни мардуми туркиза-

бон низ шӯҳрат дорад. Соли 1968 дар Теҳрон дар 2 ҷилд ба табъ расидааст. Соли 1992 «Қиссаи Амир Ҳамза Разияллоҳу анҳу (Ҳамзанома)» дар Тоҷикистон дар 2 ҷилд нашр шуд.

Ад.: Салимов Ю., Насри ривоятии форсу тоҷик, Д., 1971; Борщевский Ю. Е., Персидская народная литература. Плутовка из Багдада. М., 1963; Ричард-Винстедт, Путешествивие через полмиллиона страниц, М., 1966; Гвахария А. А., Грузинские версии персидских народных дастанов, дар кит. Теоретические проблемы восточных литератур, М., 1969; Сухачев А. С., От дастана к роману, М., 1971; Мелетинский Е. М., Средневековый роман. М., 1983.

АМӢР ҲУМОЮ́НИ САМАРҚАНДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Мувофиқи маълумоти Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «*Музаккир-ул-аҳбоб*» А. яке аз шоирони машҳури давр будааст. Аз осори боқимондаи ӯ, дар тазкираҳову баёзҳо бармеояд, ки ба забони равону сода, самимию риндона эҷод мекардааст. Абёти зерин намунае аз шеъри ӯянд:

Дӯш дастор гарав аз пайи саҳбо кардам,
Доштам дарди саре, аз сари худ во кардам.
Соф аз нақши ҷаҳон то шавад ойинаи дил,
Талаб аз майкадаҳо ҷоми мусаффо кардам.
Номи занҷири ҷунун кам шуда буд аз олам,
Дар раҳи ишқ ман ин силсила барпо кардам.

У. Назиров.

АМӢР ШАЙХӢ (1420, Сабзавор – 1534/35, ҳамон ҷо), мусиқишинос, навозанда, оҳангсози форсу тоҷик. Донишу ҳунарро дар зодгоҳаш омӯхтааст. Барои такмили дониш муддате ба Бағдоду Ҳирот рафта, санъати навозандагию сарояндагиро аз устодони мусиқӣ фаро гирифт. Дар риёзиёт ва шеър ҳам маҳорат дошта, дар навохтани уд, танбӯр, рубобу чанг устод будааст. Бисёр асарҳои мусиқӣ тасниф намудааст. А. Ш. яке аз аввалин санъаткоронест, ки бар вазни зарби «Миатайн» асарҳои мусиқӣ эҷод кардааст. Шайхӣ тахаллуси ӯ дар шеър аст.

Ад.: Раҷабов А., Афкори мусиқии тоҷикон дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; ҳамон муалл., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007. *А. Раҷабов.*

АМӢР ШОҲӢ Мавлоно Амир Шоҳии Хонанда, номи аслиаш Малик ибни Ҷалолуддини Фирӯзкӯҳӣ (1521, Сабзавор – 1602, Ҳиндустон), мусиқидон, оҳангсоз, навозанда, сароянда ва шоири тоҷик. А. Ш. аввалҳо дар зодгоҳаш, баъд дар ш-ҳои Ҳирот, Бухоро ва ғ. дар баробари илмҳои замонаш асосҳои назарӣ ва амалии санъати мусиқиро меомӯзад. Ӯ дар навохтани созҳои тории камониву захмавӣ (барбат, қонун, рубоб) маҳорати тамом дошт ва барои ин созҳо силсилаи асарҳои дилнишини мусиқӣ офаридааст. А. Ш. муддате дар дарбори Бобур хидмат карда, асарҳои бисёре эҷод намудааст. «Амали Шаҳриёри Ҷаҳон» (бар усули «Чанбар» ба мақоми «Наво», матни худи А. Ш.) аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои ӯ мебошад. А. Ш. аз хубтарин хушнависони давраш буда, бисёр китобҳоро оро додааст. Бо тахаллуси «Шоҳӣ» ғазалу рубоиёти некӯ гуфтааст. Намунае аз ашъори ӯ:

Ту шаҳриёри ҷаҳон, мо ғариби шаҳри туем,
Ватан гузошта бехонумон зи баҳри туем.
Давои дил нашавад нӯши Ҷоми Ҷам моро,
Ки нозпарвари паймонаҳои заҳри туем

Ад.: Раҷабов А., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007. *А. Раҷабов.*

АМИРАЛӢИ ЮЗТЕГӢН (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Аз шоирони дарбори Ғазнавиён буд. Намунаҳои осораш, ки бештар ғазаланд, ба тавассути тазкираҳо ва асарҳои адабиётшиносӣ («Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Ал-Мӯъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ ва ғ.) боқӣ мондаанд. Дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» абёти зерини А. Ю. оид ба санъати мақлуб оварда шудаанд:

Мираки Синост нек чобуку барно,
Ҳар чӣ гӯяд, зариф гӯяду зебо.
Ҳаст аниси карим в-ар нашносӣ,
Зуд бихон вожгуна Мираки Сино.

Ҳ. Қаландаров.

АМИРАЛМӮЪМИНӢН (ҳукмрони мӯъминон), унвони қадимии пешвоёни мусулмонон – халифаҳо дар ислом. Аз рӯи таълимоти ислом Муҳаммад (с) пайғамбари охирзамон буда, халифаҳо ҷойнишинони ӯ маҳсуб мешаванд. Ҳокимияти динӣ, дунявӣ ва ҳарбии мамолики исломӣ дар дасти халифаҳо буд. Ичрокунандаи ин вазифаҳоро «халифа», «имом», «амир» ё якҷоя А. меномиданд. Ин унвонро пас аз вафоти Муҳаммад (с) халифаҳо Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ соҳиб шуданд. Дертар ба сарвазири хилофат унвони «амирулумаро» (ҳукмрони ҳокимон) дода мешуд. Ғайри сулолаи Умавиҳо ва Аббосиҳо унвони А. дар давраи Фотимиҳо, Умавиҳои Испания ва Алмоҳадиҳо низ мавҷуд буд. Дар асрҳои миёна давлатҳои исломии ҳудуди Европа (Испания, Португалия) ва Африкаи Шимолӣ ва Ғарбӣ (Алҷазоир, Марокаш, Сенегал, Сахара) ҳокимияти А.-ро қабул накарда, Аббосиёнро дастгирӣ мекарданд. 23 окт. 1086 сардори Алмуробитҳо Юсуф ибни Тошфин (ҷияни Абубакр ибни Умар) қӯшунҳои шоҳи Леон ва Кастилия (Испания) – Алфонси VI-ро шикаст дода, унвони «амирулмуслимин» (ҳукмрони мусулмонон)-ро гирифт. *М. Холов.*

АМИРАЛУМАРО́,лақабвабаландтарин мансаби низомӣ, фармондеҳи олӣ, ноиб ё қоиммақоми фармонраво, ки гоҳо ба сурати «мири мирон» низ ба кор рафтааст. Истилоҳи А. ғолибан ба маънии «амири аслӣ», «сарфармондеҳи олӣ дар сипоҳ» кор фармуда мешуд. Ин вожа дар бархе аз кишварҳои исломӣ, аз даврони Аббосиён, вале дар аҳди мамлукони Миср ба таври хеле васеъ истифода бурда шудааст. Афроде чун Ҳорун ибни Ғариб, Муҳаммад ибни Роиқ (а. 10) аз маъруфтарин А.-и таърих будаанд. Унвони А. асосан дар бахши Ироқ ва манотиқи ғарбии Эрон бештар мавриди истифода будааст. Чунончи, дар аҳди Оли Буя (Бувайҳиён) лақаби А. ба таври бисёр васеъ роиҷ гардид ва ҳатто бархе аз шоҳзодгони ин хонадон соҳиби ин унвон буданд. Дар системаи идорӣ ва низомии Салҷуқиён дар радифи вожаи А. ҳамчунин истилоҳоти «сипаҳсолор» «амири солор», «муқаддам-ул-аскар» ва ғ. низ ба таври васеъ истифода мешудаанд. А. дар замони Салҷуқиён қудрати воқеиро дар даст доштааст, яъне соҳибқудрат будани А. яке аз муҳимтарин хусусиятҳо дар он рӯзгор будааст. Унвони А. ба маънии «амири сипоҳ» ва ҳокими навоҳӣ дар байни қизилбошони сафавии Эрон низ маъмул будааст. *Л. Бойматов.*

АМИРБЕ́КОВ Муллоҷон (тав. 28. 7. 1954, шаҳраки Навободи ноҳ. Рашт), байтор, доктори илмҳои байторӣ (1993).



Устоди варзиши СССР дар риштаи «Самбо». Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1977). Ходими хурди илмии Ин-ти тадқиқоти илмии ветеринарияи Тоҷикистон (1977 – 79), аспиранти Ин-ти умумииттифоқии ветеринарияи ш. Москва (1979 – 82), ходими калони илмӣ, мудири озмоишгоҳи Ин-ти тадқиқоти илмии ветеринарияи Тоҷикистон (1982 – 90), докторант (1990 – 92), ходими калони илмӣ, мудири озмоишгоҳи илмию истеҳсолии Ин-ти таҷрибавии ветеринарияи ш. Москва (1992 – 2000), сардори Сарраёсати байтории ҶТ (2000 – 01), сардори Департаменти байтории Вазорати кишоварзӣ (2001 – 02), сарнозири давлатии байтории ҶТ (2002

– 07). Аз с. 2007 сардори Хадамоти назорати давлатии байторию Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати ҶТ. А. барои ихтирои ваксинаи зидди касалии ринопневмонияи аспҳо бо медали биринҷии Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР сарфароз гаштааст (1987). 66 адад таълифоти илмӣ, аз ҷумла 15 ихтироот дорад. Бо роҳбарии А. 5 наф. рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Ос.: Пролонгированные антибиотики для лечения гинекологических заболеваний животных, мач. «Ветеринария», № 1, Д., 2004.; Оид ба тоуни чорвои хурд дар Тоҷикистон, мач. «Ветеринария», № 3, Д., 2005; Современные подходы специфической профилактики желудочно-кишечных заболевание молодняка крупного рогатого скота, мач. «Ветеринария», № 1, Д., 2006; Рекомендации по диагностике, профилактике и лечению респираторных болезней телят, Д., 1990.

АМИ́РИ ҲАРА́С, яке аз мансабҳои муҳим ва вазифаи пурмасъули давлатӣ дар дарбори *Сомониён*. А. ҳ. фармондеҳи гурӯҳи муҳофизони амирони сомонӣ буд ва аз байни ғуломони имтиҳоншуда ва содиқи турк интихоб мегардид. Вазифаи асосиву аслии А. ҳ. таҳти итоати қатъии худ нигоҳ доштани дастаи муҳофизон ва ҳифозат намудани ҳаёти шахсии амирони сомонӣ буд. Мутобиқи иттилои *Низомулмулк* дар Дарбори Сомониён тартибу низоми хосе ҷиҳати омода кардани ғуломони муҳофиз ҷорӣ будааст ва ғуломонро ба андозаи дарачаву собиқаи хизмат ва шоиста буданашон батадриҷ зина ба зина вазифа медоданду қадрдонӣ мекарданд. Доштани либоси занданиҷӣ, асп бо зину лаҷоми мурассаъ, шамшер, камону тирдон, дабус (гурз) ва амсоли инҳо аломати собиқаи хадамот ва доштани эътибори ғулом дар Дарбор буд. Танҳо баъди ин – яъне шаш ҳафт соли хидмати хуби содиқона ғулом метавонист соҳиби вазифаҳои маъмулӣ дар Дарбор гардад. Аввал соқигию обдорӣ (обдиҳӣ) ва сипас соли ҳафтум ҷомадорӣ мекард. Соли ҳаштум хаймаи шонздаҳмехӣ ва 3 ғуломи навхарид ба ӯ медоданд ва ӯ *васоқбошӣ* унвон мегирифт, кулоҳи намадини симкашидаву қабои канзӣ (либоси қиматбаҳо аз хазинаи шоҳӣ) ба ӯ мепӯшонданд ва ҳар сол мартабаи ӯ меафзуд, то хайлтош (ҳамгурӯҳ, ҳамқадам) мешуд ва агар шуҷоату ҳунару шоистагии ӯ меафзуд, ба ҳоҷибӣ (пардадорӣ) мерасид ва пас аз 40-солагӣ ӯро амирӣ медоданд ё ҳокими вилояте таъйин мекарданд. Баъзе аз ҳамин ғуломони ба мартабаву мансабрасида барояшон ғулом мехариданд, мисли Алптекин, ки ҳангоми аз Хуросон сӯи Ғазна рафтан бо худ 1700 ғулом дошт.

Дар манбаъҳо ва маъхазҳои таърихӣ оид ба садоқату ҷонбозиҳои амирони ҳарас маълумоти фаровоне мавҷуд аст. Амирони сомонӣ хизмат ва вафодории А. ҳ.-ро хуб қадрдонӣ мекарданд, чунончи *Исмоили Сомонӣ* барои ғуломаш Симои Кабир дар Ҷӯйи Мӯлиёни Бухоро хона ва бӯстонсаро бино карда буд. Бархе аз ғуломони Дарбор дар охирҳои рӯзгори Сомониён пас аз ба мансабҳо расида дорам шудан, даст ба дасиса, фитна ва исёнҳо зада, мӯҷиби таназзули Давлатдории *Сомониён* гардиданд.

Ад. Низомулмулк, Сиёсатнома, Д., 1989; Бойматов Л., Амири ҳарас II, Донишномаи Рӯдакӣ, ч. 1, Д., 2009; Азимов Ш., Государство и право Саманидов, Д., 1999.

Л. Бойматов.

АМИРИБРОҲИ́МИ ҚОНУНӢ (с. тав. номаълум, Ҳисор – ваф. 1545, Ҳирот), навозанда, сароянда ва мусиқидони тоҷик. Асосҳои амалии шеъру мусиқиро дар Ҳирот аз фозилони давр Шаҳобуддини Абдуллоҳи Баёнӣ, Хоҷа Исҳоқи Шиҳобӣ, Хоҷа Юсуфи Бурҳон омӯхтааст. А. Қ. дар навохтани созҳо ва санъати иҷрокунандагӣ сабк ва равияи хуросониро бо мовароуннаҳрӣ омезиш дода, алалхусус, дар навохтани қонун тағйироти нави иҷрокунандагиро ворид намудааст. Ӯ барои сози мазкур ба зарбу усули аксари мақомҳои «Дувоздаҳмақом» дар шаклу навъҳои «Пешрав», «Амал», «Тарона», «Қавл», «Саҷъ», «Рехта», «Кор», «Савт», «Нақш» дар асоси мақомҳои «Наво», «Ироқ», «Исфаҳон», «Бузург» асарҳо тасниф кардааст. Асарҳои ӯ «Савти Қонунӣ», «Пешрави Хубон», «Нақши ҳилол», «Рехтаи Ҳисор», «Қавли дилрабо» (бар мизони усулҳои «Барафшон», «Даври равон», «Уфар», «Шодиёна») дар ҳаёти мусиқии Ҳирот шӯҳрати зиёд доштанд. Дар хаттотӣ, лаввоҳӣ, ҷадвалкашӣ ва ороиши китоб низ маҳорат дошт. Ғазалро некӯ мегуфтааст.

Ад.: Рачабов А., Афкори мусиқии тоҷикон дар асрҳои XII – XV Д., 1989; ҳамон муал., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007.

А. Рачабов.

АМИРӢ, навъе аз зардолуҳои маҳаллӣ. Дарахташ аҳромшакли хамидашох, навдаҳои яксолааш кӯтоҳу ғафс. Баргаш дилмонанд, нӯгтез, дандонадор. Ох. май гул карда, ох. июн мепазад. Мевааш майда (26 – 30 г), сафеди зардтоб, дар мобайнаш чок дошта, мевааш зардолуи луччакро мемонад. Гӯшташ сероб, ширин ва хеле хуштаъм. Донакаш майда, аз гӯшт зуд чудо мешавад; мағзаш ширин. Асосан барои тарҳӯрӣ истифода мешавад; ғӯлунгаш пастсифат аст. А. барои консервонӣ хеле мувофиқ мебошад. Дарахтони алоҳидаи А. дар боғҳои кӯҳнабунёди ноҳияҳои Айнию Мастчоҳ, Панҷакент ва ҳаволии ш-ҳои Самарқанду Бухоро вомехӯранд.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935.

Ф. Ӯрунов.

АМИРӢ, навъе аз харбузаҳои миёнсолӣ. Баъди 80 – 90 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш дарозрӯя, вазнаш то 5 кг, пӯсташ бетӯри сабз, мағзаш сабзи сершира, хуштаъм, то 12% қанд дорад. Аз ҳар га то 300 сентнер ҳосил мегиранд. Асосан дар вил-ҳои Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Суғд ва водии Вахш мекоранд. Барои дуру дароз нигоҳ доштан мувофиқ нест. Бештар ба касалии пажмурда ва ҷел гирифтор мешавад.Ниг. низ. *Харбуза.*

АМИРӢ, навъе аз себҳои маҳаллии пешпазак; селексияи халқист. Мевааш гирда, нӯгаш паҳн, сафеди ширмонанд, қисми болои тарафи офтоб- расаш тобиши гулобӣ дорад. Пӯсташ суфтаи шаффоф, мағзаш сахти карсосӣ, сершираи нордон, вазнаш 75 – 80 г; авв. июл мепазад (аз шамол мерезад). Ҳангоми пухта гузаштан мевааш пахтамонанди бешира мегардад. Дарахти 15 – 20-солааш то 150 кг ҳосил медиҳад. Дар баъзе деҳаҳои водии Ҳисор парвариш мекунанд. Асосан барои тарҳӯрӣ истифода мешавад.

Ад.: Викторовский Г. П., Плодовые ресурсы Бухарской республики. Всесоюзный институт растениеводство, ВАСХНИЛ, XIV, Л., 1936.

Ф. Ӯрунов.

«АМИРӢ», суруд ва оҳанги базмии классикӣ, ки дар тантанаю ҷашнҳо иҷро мекарданд. «А.» дар силсилаи «Дувоздаҳмақом» чун шӯъба ва гӯшаи тараннумию уфарӣ (рақсӣ) истифода шуда, тадриҷан аз байн рафтааст. Дар а-ҳои 17 – 18 сарояндагону навозандагон «А.»-ро дар ҳамбастагӣ бо шӯъбаҳои мақоми «Рост» иҷро мекарданд. Дар рисолаҳои авв. а. 19 доир ба «Шашмақом» ҳамчун яке аз қисмҳои таронавии мақоми «Дугоҳ» зикр шудааст. Дар мусиқии халқӣ «А.»-ро чун асари дар ҳавои мақомҳо эҷодшуда мавриди истифода қарор медоданд. Яъне «А.» ба қатори сурудҳое мансуб аст, ки берун аз «Шашмақом» амал доранд. «А.» дар мусиқии классикии Эрон ва Озарбойҷон чун шӯъбаи хурди созӣ пас аз муқаддима дар дастгоҳҳои (мақомҳои) «Шӯр» ва «Шуштар» низ амал мекунад.

Ад.: Баёзи Шашмақом, Д., 2008; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Рачабов.

АМИРӢ Зиёуддин Юсуфи Бадахшӣ (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1490, Бадахшон), шоир ва нависандаи зуллисонайни форс-тоҷик (ба забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ менавиштааст). Дар доираи адабии Ҳирот, дарбори Шоҳрух (1377 – 1445) ва Бойсунқур (1397 – 1434) фаъолият намудааст. Аз А. то замони мо девони ашъор, маснавии «Даҳнома», манзума-мунозираи «Бангу Бода» расидаанд. Ба қавли Алишери Навоӣ («Маҷолис-ун-нафоис») шеърҳои туркии А. шӯҳрат надоштанд. Дар ашъораш ба мавзӯъҳои фалсафӣ, ишқи ирфонӣ аҳамият додааст. Забон, тарзи баёнаш содаву равон аст.

АМИРӢ Мирзо Муҳаммадсодиқхони Фароҳонии Қоиммақомӣ, маъруф ба Адибулмамолик (1860, Арок – 1917, Теҳрон), шоир ва рӯзноманигори эронӣ. Набераи маорифпарвари машҳури Эрон Қоиммақоми Фароҳонӣ. Забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ, англисӣ, франсавиро медонист. Аз тариқи Кавказ ба Хоразм омад ва аз он ҷо ба Машҳад, сипас ба Боку рафт. Дар Боку замимаи форсии рӯзномаи «Иршод»-ро интишор мекард. А. инчунин ношири рӯзномаҳои «Адаб» (1890 – 92), «Ироқи Аҷам» (1906), «Офтоб» (1913), «Маҷлис» мебошад. Аз с. 1910 то охири умр дар идораҳои адлияи ш-ҳои Симнон, Язд ва ғ. кор кардааст. А. шоири соҳибдевон аст. Дар девонаш, ки аз 25 ҳазор байт иборат аст, қасидаҳо, қитъаҳо, мусамматҳову таркиббандҳову тарҷеъбандҳояш фароҳам омадаанд. Мавзӯъҳои ашъори А. иборатанд аз танқиди нобаробариҳои ичтимоӣ, тарзи давлатдории феодалӣ, риёкориҳои кормандони додситонҳо, ташвиқи илму маориф, ватандӯстӣ ва ғ. А. яке аз саромадони равияи демократии назми муосири Эрон (оғози а. 20) маҳсуб мешавад. Вай аз мӯътақидони анъанаҳои шеъри адабиёти классикии форс-тоҷик буд.

Ад.: Ёҳақӣ Муҳаммадҷаъфар, Чун сабуи ташна (Таърихи адабиёти муосири форсӣ), Т., 1375 ҳ. ш. *А. Абдуманнонов.*

АМИРӢ Умархон (1787 – 1822), шоири зуллисонайн (ба тоҷикӣ ва ӯзбекӣ менавишт). Бо тахаллуси «Амир» ва «Амирӣ» ба забонҳои ӯзбекию тоҷикӣ шеър гуфтааст. А. хони Қӯқанд буда, дар дарбораш доираи адабӣ ороста ва худ роҳбари он буд. Бо ин амал ӯ дар рушди шеъру шоирӣ саҳме гузоштааст. С. Айнӣ ба ин ҷиҳати фаъолияти А. дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ишора карда менигорад, ки чандин адибони соҳибистеъдод



Амиркулов Субҳон.



Амиров Раҷабмад.

аз ӯ тарбия дида, ба камол расидаанд. Дар баробари ин ӯ худ низ шоир буд ва девони ашъораш, ки дар он шеърҳо ба анвои гуногун ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ фароҳам омадаанд, то замони мо расидааст. Ашъори А. равону самимиянд, вале мазмуни иҷтимоиашон чандон баланд нест. Ӯ дар ашъораш нолаю шикваи ошиқ ва дарди ҳиҷронро баён намудааст. Девони ашъори А. ду маротиба (Истанбул, 1882, Тошканд, 1908) ба табъ расидааст. Ин шеър, ки ба қавли С. Айнӣ мавриди тақлиди бисёр шоирони муосири А. қарор гирифтааст, намунаи эҷодиёти ӯст:

Ба шавқи он, ки расонам ба зулфи ёр ангушт.
Чу шона медамад аз дасти ман ҳазор ангушт.
Гиреҳ зи зулфи сиёҳат кушудан осон нест,
Касе чӣ гуна расонад ба чашми мор ангушт.
Нигоҳ ба рӯи ту кардам, гудохтам чу шамъ,
Сазои он ки ба оташ кунад дучор ангушт.
Ишорати мижаҳои ту рост мешумурам,
Агар ғалат бувад аз дасти ман барор ангушт.
Хаёли зулфи парешони ёр кард, Амир,
Ба ин сухан марасон шона зинҳор ангушт.

С. Амирқулов.

АМИРҚӮЛОВ Субҳон (тав. 25. 6. 1935, деҳаи Гулшани ноҳ. Ғузори Ӯзбекистон), адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1997), проф. (1999). Ин-ти давлатии педагогии ш. Душанбе ба номи Т. Г. Шевченкоро хатм кардааст (1955). Муҳаррири Нашриёти давлатии Тоҷикистон (1955 – 57), аспирант (1957 – 60). Пас аз хатми таҳсил дар аспирантура дар кафедраи Таърихи адабиёти классикии фак-ти филологияи УДТ ба таълиму тадрис пардохт. Муаллифи бештар аз 150 рисолаву мақолаи илмӣ. Монографияи ӯ «Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва достони ӯ «Юсуф ва Зулайхои ӯ» (1967) ва як силсила мақолаҳояш барои кашфу таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик дар а. 18 ва нимаи авв. а. 19 мусоидат кардаанд. Ӯ дар ҷараёни таҳқиқ ба масоили умуминазариявӣ ва методологии омӯзиши адабиёти ин давраҳо низ аҳамият дода, ба масъалаҳо ва муаммоҳои асосии он амиқ нигаристааст. А. доир ба эҷодиёти Аҳмади Дониш зиёда аз даҳ мақола ва як маърӯзаи илмӣ таълиф намудааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш – шеъру шоирӣ аз назари ӯ, Аҳмади Дониш ва Мирзо Бедил, робитаи эҷодии ӯ бо гузаштагон таҳлилу баррасӣ шудаанд. А. дар рисолааш «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш» (1995) доир ба робитаи эҷодии Аҳмади Дониш ва бузургони адабиёти гузаштаи форс-тоҷик муфассал баҳс меорояд. А. ба омӯзиши чеҳраҳои дигари адабиёти форс-тоҷик (мас., Рӯдакӣ) низ машғул шудааст. А. ба омӯзиши масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик низ таваҷҷӯҳ намудааст. Мақолаҳои ӯ «Айнӣ ва Бедил» (1968), «Мулоҳизаҳо доир ба афкори адабӣ-эстетикии устод Айнӣ» (1982) «Қуллаи баланди шеъри сода» (оид ба иртиботи эҷодии М. Турсунзода ва Ҳофизи Шерозӣ; 1985) ва ғ. аз назари тадқиқи масоили ворисияти адабӣ, анъана ва навоварӣ, рушди адабиёт навишта шудаанд. Бо медали «Собиқадори меҳнат» (1988), ордени Шараф (дараҷаи I; 1999), унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон (2005) ва «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

А. Маликзод, Д. Мануҷеҳр.

АМИРМАСТӢИ ҲИРАВӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1514, Бухоро), сароянда ва навозандаи тоҷику форс. Зодгоҳаш Ҳирот. А. Ҳ. санъати мусиқиро дар Ҳирот фаро гирифтааст. Овози хеле форам доштааст. Чанде дар ҳузури Абдурраҳмони Ҷомӣ дарси мусиқӣ гирифта, тасниф оти «Нақши имомӣ»-ро аз худи ӯ омӯхтааст. Ӯ дар навохтани уд, танбӯр, рубоб ва махсусан қобуз маҳорати баланд дошта, бо номи Амирмастии Қобузӣ ҳам маъруф будааст. А. Ҳ. ба Бухоро омада, ба чандин санъаткорон ҳунари созандагиро ёд додааст. Маҳмуди Насафӣ, Ҳофизи Турдӣ, Қосими Баззоз ва дигарон шогирдони А. Ҳ. мебошанд. А. Ҳ. чанд асари мусиқӣ дар мақоми «Ироқ», «Дугоҳ», «Исфаҳон», «Бузург», «Рост» ва ғ. тасниф кардааст.

Ад.: Раҷабов А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; ҳамон муал. Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007. *А. Раҷабов.*

АМӢРОВ Раҷабмад (тав. 28. 4. 1954, деҳаи Балучои ноҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), Арбоби ҳунари Тоҷикистон (1997), проф. (1992). Хатм кардаи ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1974). Хизмат дар сафи Армияи Советӣ (1976 – 77), муаллими кафедраи корҳои маданӣ-маърифатии ДДСТ (1977 – 79), аспиранти Дониш-


Амиров Ҳочӣ.


Амиршоев Сафар.

кадаи давлатии фарҳанги ш. Ленинград ба номи Н. Крупская (1979 – 82), муаллими калони кафедраи маданӣ-маърифатӣ (1984), декани фак-ти корҳои маданӣ-маърифатӣ (1984 – 89), ноиби ректор оид ба корҳои илмӣ (1989 – 90) ва ректори ДДСТ ба номи М. Турсунзода (1990 – 2001), муовини аввали Вазири фарҳанги ҶТ (2001 – 04), Вазири фарҳанги ҶТ (2004 – 07). Аз с. 2007 ректори Консерваторияи Миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. Муаллифи зиёда аз 80 асару мақола оид ба масъалаҳои мухталифи фарҳанг. А. дар таҳияи Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг», «Барномаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи фарҳанг», «Назарияи рушди фарҳанги Тоҷикистон», «Барномаи тарбияи эстетикии Тоҷикистон» фаъолона иштирок намудааст. Бо ордени Исмоили Сомонӣ (дараҷаи II) сарфароз гардидааст.

Ос.: Методика подготовки клубного сценария: Методические советы работникам клубных учреждений, Д., 1980; Эҷодиёти дастаҳои ҳаваскорони санъат дар маишат, оила ва ҷои зист, Д., 1983; Республиканская комплексная программа эстетического воспитания населения Таджикской ССР, Д., 1989; Истиқлолияти фарҳангӣ, Д., 2001; Бозтоби фарҳанг, Д., 2005; Фарҳанг дар ташаккули маънавиёт, Д., 2005.

АМИ́РОВ Ҳочӣ (тав. 1933, деҳаи Мадрушкати ноҳ. Мастчоҳ – 31, 12, 1994, ҳамон ҷо), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1965), Механизатори хизматнишондодаи Тоҷикистон (1963). Челонгар (1953 – 58), трактрочӣ (1958 – 63), сардори бригадаи комплексии механиконидашудаи пахтакории к-зи ба номи Куйбишеви ноҳ. Мастчоҳ (1963 – 1989). Депутати Совети Олии СССР (даъвати 6). Дар ҷамъоварии пахта бо мошина муваффақият ба даст овардааст. Бо ордени Ленин ва медалҳо сарфароз гардидааст.

АМИРХО́НОВ Назир (тав. 31. 12. 1933, деҳаи Қистакӯзи ноҳ. Хуҷанд), биолог, доктори илмҳои биология (1976), проф. (1978), узви ҳақиқии АИ Нию-Ёрк (1996). Хатмкардаи Ин-ти давлатии Самарқанд (ҳоло донишгоҳ, 1955). Ассистент (1956 – 63), дотсент (1963 – 78), декани фак-ти биологияи Ин-ти давлатии Самарқанд (1978 – 83). Аз с. 1983 мудири кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд. Муаллифи 80 таълифоти илмӣ, ки бештар ба масъалаҳои интродуксия ва мутобиқати растаниҳо ба шароити камобӣ бахшида шудаанд.

АМИРШО́ЕВ Сафар (1912, деҳаи Заргари ҳозира ноҳ. Ховалинг – 16. 7. 1944, деҳаи Жожмаряйи Литва). Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944), сержанти калони гвардия. То с. 1935 дар к-зи ба номи Кирови ноҳ. Балҷувон ҳисобчӣ ва котиби колхоз буд. Соли 1935 ба сафи Армияи Сурх даъват шуда, дар ш. Сталинобод дар ҳайати полки 47-уми кӯҳгарди савораи тоҷик аввал ҳамчун аскари қаторӣ ва пас аз хатми мактаби 6-моҳаи командирӣ ёрдамчии командири взводи савора (то с. 1937) буд. Дек. 1941 ихтиёрӣ ба ҷанг рафт. Дар ҳайати батареяи 5-уми дивизиони 2-юми полки 206-уми артиллерии дивизияи 8-уми артиллерии захираҳои Сарфармондеҳи Олии ҷабҳаҳои Ҷанубу Ғарбӣ ва Воронеж, сипас дар ҳайати полки 213-уми артиллерии гвардиявии корпуси 5-уми артиллерии Армияи 5-уми Белоруссия ба сифати командири дастаи тӯпчиён ҷангидааст. Дар яке аз муҳорибаҳо бо тӯпи худ гитлерчиёни бисёреро нобуд сохта, аслиҳаи ҷангии онҳоро ғанимат гирифт. Субҳи 16 июли 1944 бригадаи 8-уми артиллерӣ ба канори шаҳрчаи Жожмаряйи Литва наздик шуд. Душман бо 58 танк ва сарбозони зиёд ба ҳуҷум гузашт. Ҷанги шадид сар шуд. А. аввалин шуда оташ кушод. «Шоҳпаланг» якбора дар ҷояш истоду аз он дуд фаҳона зад. Душман якбора ба муқобили тӯпи А. 12 танкро сафарбар кард. А. танки якумро сӯзонд. Яке аз снарядҳо дар назди тӯпи А. таркид. Сипари чапи тӯп сӯрох шуда, тӯпи А. таркид ва худи А. захмӣ шуд. Шикастапораи снаряд синаи ӯро шикофта, аз миёнаи шонааш баромада буд. А. оғуштаи хун ҷангро давом дода, боз як танки душманро тарконд. Қаҳрамонии бемисли ӯ ҷанговаронро рӯҳбаланд кард. Онҳо чор танкро аз кор баровардand. Душман ақиб гашт. А. дар шафати тӯпаш ҳалок шуд. Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх ва медалҳои «Барои шуҷоат» ва «Барои мудофиаи Сталинград» сарфароз гардидааст. Доир ба корномаии А. ҷангноманавис Р. Сафаров очерки «Ӯ мурдан намехост» ва повести ҳуҷҷатии «Сафар Амиршоев»-ро (1973) навиштааст. Дар Театри мазҳакаи мусиқии Кӯлоб ва Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов аз рӯи пйесаи Р. Сафаров ва Т. Аҳмадхонов с. 1977 намоишномаи «Сафар Амиршоев»-ро ба саҳна гузоштанд. Дар ш-ҳои Душанбе ва Кӯлоб кӯча ва дар ноҳ. Кӯлоб хоҷагии калонтарин ба номи ӯст. Ҳамчунин дар ш. Кӯлоб барои абадӣ гардондани хотираи қаҳрамон муҷассамааш гузошта шудааст. *Н. Шарипов.*

АМИРШО́ЕВА Саодат Сангалиевна (тав. 10. 11. 1953, деҳаи Парнаки ноҳ. Ховалинг), аввалин генералзани тоҷик, мушовири давлатии адлияи дараҷаи III (1999). Ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ (1999). Хатмкардаи факти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1978). Нотариуси давлатии Идораи 2-юми нотариалии ш. Душанбе (1972 – 75), сарнотариуси Идораи 1-уми нотариалии ш. Кӯлоб (1975 – 85), судяи суди халқии ш. Кӯлоб (1987 – 93), сардори идораи адлияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вил. Хатлон (1993 – 2008). Аз с. 2008 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» сарфароз гардидааст.



АМИТО́З (аз *a...* ва юн. mitos – тор, нах), тақсимшавии мустақими ядро; яке аз роҳҳои қисмат шудани ҳуҷайра. Бори нахуст с. 1841 биологи немис Р. Ремак тавсиф кардааст. Истилоҳи А.-ро с. 1882 гистологи немис В. Флемминг пешниҳод намуд. Ҳангоми А. пардаи ядро ва ядроча вайрон, фаъолияти хромосомаҳо халалдор ва ҷисми ҳуҷайра тақсим намешавад. А., одатан, ба тақсимшавии баробари ядро ва унсурҳои ҷудогонаи он мусоидат намекунад. А. баъди эндомитоз ба вуҷуд меояд. Аксаран ҳангоми А. танҳо ядро тақсим шуда, ҳуҷайраи дуядро (дар натиҷаи такрор ёфтани А. ҳуҷайраҳои серядро) ҳосил мешаванд. Бисёр ҳуҷайраҳои дуядро ва серядро маҳсули А. (баъзе ҳуҷайраҳои дуядро ҳангоми тақсимшавии митозии ядро бидуни тақсимшавии ҷисми ҳуҷайра ҳосил мешаванд) буда, дастаи хромосомаҳои полиплоидӣ доранд. Дар вақти А. ҳуҷайра фаъолияти худро, ки ҳангоми митоз қариб тамоман аз даст медиҳад, нигоҳ медорад. А. акси *митоз* аст.

Ад.: Биологический энциклопедический словарь, М., 1986; Тришин В. Н., Словарь синонимов ASIS, М., 2009.

АМИФО́С, $C_6H_{14}NO_3$, як навъ инсектоакарисид. Чун консентрати эмулсияи 40-фоиза истеҳсол мекунанд. А.-ро барои маҳви куяи лаблабуи қанд (ба ҳар га 0,6 – 0,8 кг), ширинчаи барги лаблабу (ба ҳар га 0,2 – 0,3 кг), кайки лаблабу (ба ҳар га 0,3 – 0,6 кг), инчунин барои нест кардани тортанаккана ба пахтазор (ба ҳар га 0,8 – 1 кг), канаи сурху нуқрагун, зиреҳакҳо, қалбакзиреҳакҳо ва дигар ҳашароти зараррасони дарахтони ситрусӣ (ба ҳар га 1,6 – 2,4 кг) ва кирминаи гардаи токзор (ба ҳар га 0,5 – 1,6 кг) мепошанд. Барои ҳайвонот зарар дорад.

АМЛА́Ҳ Мулло Миразими Бухоройӣ (дар тазкираи Возеҳ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»), Қозӣ Абдулазими Бухоройӣ (дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарам), (с. тав. номаълум, Бухоро – ваф. 1894, ҳамон ҷо), шоири тоҷик. Дар замоне ки Возеҳ тазкираашро тадвин кардааст, А. дар «авоили шубоб», Қуръонро «хуб забту ҳифз намуда» буд. Ба қавли Возеҳ, дар шеър низ қудрат доштааст. Дар тазкираи Мӯҳтарам аз А. чун шахси баркамол ва ба мансаби қозигӣ расида ёд мешавад. А. дар навишти хат, махсусан настаълиқ маҳорат доштааст. Шоири ғазалсаро низ будааст. Мавзӯи асосии ғазалҳояш ишқ аст. Зимни онҳо баъзе байтҳои ҳасбиҳолӣ, андарзӣ вомехӯранд. Дар ду тазкираи номбурда аз А. 60 байт намуна оварда шудааст. Дар баёзҳои а. 19 низ намунаҳои ашъори А. ба назар мерасанд. Абёти зерин аз ӯст:

Рӯзу шаб аз олами таҳқиқ дар гӯшам садост,
К-ихтилоти мардуми беҳудагӯ доми балост.
Дам фурӯ каш маҳрами хилватгаҳи мардум шавӣ,
Сурмаро аҷри хамӯшӣ ҷой андар дидаҳост.
Эй табиби бехирад, аз фикри дармонам гузар,
Ман маризи кӯҳнаи ишқам, ки дардам бедавост.
Ман на танҳо доғам, Амлаҳ, аз ҷафои рӯзгор,
Лоласон, ҳар дил, ки мебинам ба доғе мубталост.

Ад.: Мӯҳтарам, Тазкират-уш-шуаро, Д., 1975; Возеҳ, Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб, Д., 1977. *М. Диловаров.*

АМЛО́К (ар. ҷамъи мулк), дар аморати Бухоро молу мулки ғайриманқулаи меросӣ ё харида (замин, об, корвонсарой, ҳаммом ва ғ.), ки ба давлат, вақф ва шахсони алоҳида тааллуқ дошт. А.-ро иҷора додан ва ба тариқи музди меҳнат тақдим кардан мумкин буд, вале аслан А. барои истифода ба шахсони алоҳида иҷора дода мешуд. Иҷорагир ба соҳиби А. андоз медод ва дар навбати худ барои кишту кор ва бо мақсади истифодаи А. чораккорон, батракҳо ва мардикоронро киро мекард. Дар ҳуҷҷатҳои расмии маъмурию молиявии а. 19 ва авв. а. 20 заминҳои давлатиро А. меномиданд.

АМЛОКДО́Р, шахси андозгундор аз заминҳое, ки мувофиқи ҳуқуқ молу мулки амир ба шумор рафта, дар истифодаи ҳақиқии деҳқонон буданд ва онҳо барои истифодаи ин заминҳо ба хазина андоз медоданд. А. дар ихтиёри худ оқсақолон, аминон, арбоб, мирзо ва мироб дошт. Дар а. 19 – ибт. а. 20 вилояту туманҳои аморати Бухоро (мирҳо ё бекҳо идора мекарданд) ҳамчун воҳиди маъмуриву андозбандӣ дар навбати худ ба амлокдорӣ тақсим мешуданд.

М. Холов.

АММИА́К (аз юн. hals ammoniakos – навшодир), NH_3, пайвасти содатарини нитроген бо гидроген. Дар табиат дар натиҷаи таҷзияи моддаҳои нитрогендори органикӣ ҳосил мешавад. А. гази беранг буда, бӯи тези нафасгир дорад; зичиаш 0,7714 кг/м^3, ҳарор. ҷӯшиш –33, 35°С, ҳарор. гудозиш –77, 70°С. Омехтаи А.-и хушк бо ҳаво метаркад. А. моддаи хеле фаъол аст. Аз ҳисоби ҷуфти электронҳои тақсимнагаштаи нитроген ба реаксия медарояд. Бинобар ба молекулаи А. пайваст гаштани протон иони аммоний NH^+_4 ҳосил мешавад. Он ҳамчун иони металлҳои ишқорӣ бо об ва аниони кислотаҳо пайваст шуда, гидроксиди аммоний NH_4OH ва намак ҳосил мекунад. Барои А. реаксияи ҷойгирӣ низ хос аст. Металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ бо А.-и моеъ ё газшакл ба реаксия дохил шуда нитрид (Na_3N) ё амид ($NaNH_2$) ҳосил мекунанд. А. бо сулфур, галогенҳо, карбон, CO_2 ва ғ. низ ба реаксия медарояд. Дар лаборатория А.-ро дар натиҷаи бо оҳаки шукуфта гарм кардани хлориди аммоний ҳосил мекунанд.

$$2NH_4C1+Ca(OH)_2 = \\ =CaCl_2+2H_2O+2NH_3$$

Ҳоло А. аз нитроген ва гидроген синтез карда мешавад. Усули мазкур, ки олими немис Ф. Габер (1908) пешниҳод кардааст, дар Комб. нуриҳои нитрогендори Вахш истифода мегардад. Усули нисбатан камхарҷи синтези А. конверсияи газҳои карбогидридӣ мебошад. Дар мавриди он чун ашёи хом гази табиӣ ва газҳои ҳамроҳи нефт дучоронда ба кор мераванд. А. барои растанӣ аҳамияти калон дорад. *Аминокислотаҳо,* ки барои синтези сафеда маводи зарурианд, бидуни А. ҳосил шуда наметавонанд. А. дар ҳуҷайраи растанӣ ба аминокислотаҳо табдил меёбад. Миқдори нитрогени аммиаки хок ба бисёр омилҳо – нурӣ, агротехника, реаксияи хок ва ғ. вобаста аст. *Аммиакоб* ва *аммиаки беоб* дар боғдорӣ чун нуриҳои аммиакдор кор фармуда мешаванд. Дар таркиби ангур ҳангоми ранг овардан миқдори А. афзуда, баъди пухтани он кам мегардад. А. ҳангоми майхобонӣ низ каму беш пайдо шуданаш мумкин аст. Дар чунин мавридҳо таъми май бад мешавад. Дар таркиби майи сафеди хушсифат миқдори А. аз 10 мг/дм^3 ва дар таркиби майи гулгун аз 20 мг/дм^3 зиёд буданаш ҷоиз нест. А.-ро барои ҳосил кардани кислотаи нитрат, намакҳои нитрогендор, карбамид, кислотаи сианид, сода ва ғ. истифода мебаранд. А. гази захрнок буда, пардаҳои луобиро сахт меангезад. Ҳангоми захролуд шудани чашм ва роҳи нафасро месӯзонад, нафасро танг мекунад. А.-ро дар баллонҳои зард, ки бо ранги сиёҳ «Аммиак» навишта шудааст, нигоҳ медоранд.

Ад.: Технология связанного азота, М., 1966; Израэльсон З. И., Гигиена труда в производстве аммиака, М., 1989; Пожаровзрывоопасность веществ и материалов и средства их тушения, М., 1990; Лисочкин Я. А. (ва диг.), О глобальных кинетических параметрах для определения пределов и периодов индукции самовоспламенения смесей метана, аммиака, кислорода и азота, мач. «Физика горения и взрыва», № 3, 2004. *М. Самиев.*

АММИАКА́ТҲО, нуриҳои аммиакдор, маҳсули таъсири мутақобили намакҳо бо аммиак. А.-е, ки дар асоси *карбамид* ва *селитраи аммиак* аз *аммиак* ҳосил мешаванд, нисбатан маъмуланд. А. моеи беранг, баъзан зардча буда, бӯи тези аммиакро доранд. Аз 35 то 50 фоизи А. *нитроген* аст. А. аз чиҳати аҳамият ба дигар нуриҳои сахт ва моеъ наздиканд. А.-ро ба сифати нуриҳои нитрогендори моеъ истифода мебаранд.

АММИА́КИ БЕО́Б, NH_3 моеи беранг, бӯи аммиакро дорад. Дар натиҷаи таҳти фишор то – 33,4°С хунук кардани аммиаки газшакл ҳосил мешавад. Ҳангоми то – 77,8°С хунук кардан ба аммиаки сахт табдил меёбад. Зичиаш 0,61 г/см^3 (ҳангоми 20°С). Чун об молекулаҳои А. б. асосан аз ҳисоби бандҳои гидрогенӣ *ассотсиатсия* шудаанд. Дар об хуб ҳал мешавад. Ғилзати А. б. нисбат ба ғилзати об ҳафт маротиба кам аст. А. б. барои бисёр моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ ҳалкунандаи хуб аст. Мас., дар А. б. сулфур нағз ҳал мешавад. А. б. ҷараёни электрро ниҳоят суст мегузаронад. А. б.-ро барои истеҳсоли нуриҳои нитрогендор ва аммононии суперфосфат истифода ме-

баранд. Нитрогени А. б. аз 82% зиёд буда, нисбат ба нитрогени нуриҳои дигар 40 – 50% арзон аст. Дар ҳар гуна хок ва чун ғизои растаниҳо истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми кашондан, нигоҳ доштан ва корбасти А. б. ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя бояд кард. Барои истифодаи он зарф, нақлиёт ва агрегатҳои махсус лозиманд.Ниг. низ *Нуриҳои аммиакдор.*

АММИАКО́Б, гидрооксиди аммоний, спирти навшодир, NH_4OH, маҳлули 18 – 25%-и аммиак. А.-ро дар натиҷаи дар об ҳал намудани аммиаки синтезӣ ё аммиаки газҳои саноати коксохимия, ҳангоми коксонидани ангишт ҳосил мекунанд. А.-и аз газҳои саноати коксохимия ҳосилшуда ба ғайр аз аммиак омехтаи гази карбонат (70 – 100 г/л), сулфиди гидроген (30 – 50 г/л), каме пайвастҳои сианидӣ низ дорад. А.-ро чун нурӣ пеш аз кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ, инчунин тирамоҳ бо мақсади ҳосили баҳорӣ мепошанд. Онро дар зарфҳои шишагини сиёҳ нигоҳ доштан лозим. А.-ро барои истеҳсоли сода, дар саноати синтези пайвастҳои органикӣ, барои аммононии хӯроки чорво ва ғ. истифода мебаранд. Дар шаробкашӣ ба сифати ангезаи афзоиши моя, ҳангоми истеҳсоли херес, дар энохимия барои муайян кардани нитрогени аминӣ, калсий ва магний ба кор меравад.

АММО́НИЙ, NH^+_4, иони яквалента, ки дар натиҷаи аз ҷуфти электрони тақсимнашудаи атоми нитроген ба молекулаи аммиак пайваст шудани протон (H^+) ҳосил мешавад. Дар таркиби бисёр пайвастҳо мавҷуд буда, вазифаи иони яквалентаро иҷро мекунад. А. дар маҳлул мусбатзаряд аст, мас., гидрооксиди аммоний – NH_4OH ва намакҳои он сулфати аммоний – $(NH_4)_2SO_4$, хлориди аммоний – NH_4CI, нитрати аммоний – NH_4NO_3, карбонати аммоний – $(NH_4)_2CO_3$ ва ғ. Дар маҳлули обӣ намакҳои А. ҷудо шуда, катиони А. ҳосил мекунанд. Бисёр намакҳои А. моддаҳои кристаллии беранг буда, дар об нағз ҳал мешаванд; мавриди гарм кардан таҷзия шуда, NH_3 ҷудо мекунанд. Вақти ба намакҳои А. таъсир намудани ишқор NH_3 ҷудо мешавад. Реаксияи мазкурро барои ошкор намудани NH_3 кор мефармоянд.

$$NH_4Cl+NaOH = NaCl+NH_3+H_2O$$

Намакҳои муҳимтарини А. намакҳои нитрат ва карбонати А. мебошанд. Онҳо чун *нуриҳои нитрогендор* истифода мешаванд.

АММОНИТРОФО́С, як навъ нурии нитрогену фосфордор. Аз фосфатҳои табиӣ ҳосил мекунанд. Дар А.-е, ки аз консентрати апатит ҳосил карда мешавад, 17% нитроген ва 17% P_2O_5 ва дар А.-е, ки аз фосфорити кони Вятка ҳосил мешавад, 14% нитроген ва 14% P_2O_5 мавҷуд аст. А.-ро барои кишти пахта, лаблабу, тамоку, сабзавот ва зироати чорво истифода мебаранд.

АММОНИ́ТҲО (Ammonoidea), як навъ ҷонварони бемӯҳраи мунқариз. Аз давраи девон то давраи табошар зиндагӣ кардаанд. А. гӯшмоҳии гуногун доштанд, ки бо деворaҳои кӯндаланг ҷудо шуда буд. Ҳар девора ҳуҷраро мемонд. Дар ҳуҷраи охир, ки бо даҳон тамом мешуд, танаи нарми ҷонвар ҷойгир шуда буд. Ҳуҷраҳои дигар бо газ пур буда, вазифаи ҷиҳози гидростатикиро иҷро мекарданд. Ҳуҷраҳо бо ҳамдигар ба воситаи ғуррии бандакмонанди танаи нарм бо рагҳои хунгард, ки низоми мӯътадили газро дар қисмҳои бадан таъмин менамуданд, пайваст буданд. Қутри гӯшмоҳӣ то 2 м буд. А. дар баҳрҳо сукунат доштанд. Яке нағз шино мекард, дигаре ҳазида ҳаракат менамуд. А. барои аниқ кардани қонуниятҳои инкишофи фардии организм (*онтогенез*) ва таносуби он бо *филогенез* муҳим аст, зеро ҳама қисмҳои гӯшмоҳии А. дар ҷараёни онтогенез сахт тағйир ёфтаанд.

АММОНИФИКА́ТСИЯ (аз *аммоний* ва лот. facio – мекунам), раванди таҷзияи моддаҳои органикии нитрогендор, ки ҳангоми он аммиак ҷудо мешавад. А. дар гардиши нитроген дар табиат ва тағзияи растаниҳо аҳамияти калон дорад. Дар ҷараёни А. нитрогени пайвастҳои органикии хок (гумус, нуриҳои органикӣ, боқимондаи растаниҳо, ҷасади ҳайвоноти мурдарафта ва микроорганизмҳо) барои ғизои растаниҳо мувофиқ мегардад. А.-и сафедаҳо бо ёрии бактерияҳои пӯсонандаи хок, инчунин баъзе актиномисетҳо ва занбӯруғҳо ба амал бароварда мешавад. Аммиаки ихроҷгаштаро қисман худи микроорганизмҳо азхуд мекунанд; қисми дигари он зери таъсири кислотаҳои органикӣ ва ноорганикии хок мӯътадил гашта, ба намаки аммоний табдил меёбад. А. дар шароити аэробӣ ва анаэробӣ сурат мегирад. Ҳангоми дар шароити анаэробӣ рух додани он моддаҳои иловагие ҳосил мешаванд, ки барои растаниҳо зарар доранд. Баъзе моддаҳои дигар низ А. мешаванд. Мас., дар роҳи ҳозимаи тӯқумшуллук ферменти хитиназа мавҷуд аст. Он хитин ва хитозинро таҷзия мекунад. Аз хитин то 80% N-атсетилглюкозамин ва аз хитозин полиглюкозаминҳои хурдмолекула ҳосил мешаванд. Карбамидро уробактерияҳо таҷзия карда, аммиак ва гази карбонат ҳосил менамоянд. Дар таҷзияи гумус як қатор микробҳо, аз ҷумла аммонификаторҳо ширкат меварзанд. Пуринҳо ва примидинҳо низ А. мешаванд.

АММОРА́И МАРВАЗӢ Абумансур ибни Муҳаммади Марвазӣ (с. тав. номаълум – ваф. байни с-ҳои 1004 – 14), шоири форс-тоҷик. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои адабӣ, махсусан «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорӣ А. М. шоири маъруфу машҳури давр буда, дар Марв зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар китобҳои оид ба илми шеър, луғатҳо (мас. «Луғати фурс») аз осори А. М. абёту порчаҳо оварда шудаанд. То имрӯз 80 байт аз эҷодиёташ дастрас аст. Дар «Лубоб-ул-албоб» пора аз марсияи дар фавти охирин намояндаи сулолаи Сомониён – Мунтасир гуфтаи А. М. сабт гардидааст. Аз ашъори А. М. бармеояд, ки ӯ дар тасвир, васфи табиат, сурудани ашъори ошиқона, васфи маю шароб, панду андарз додан, даъват ба ахлоқи ҳамида ва ғ. устод будааст. Абёти зерин аз ӯянд:

Шохи беди сабзгашта рӯзи бод
Чун яке масти навони сарнагун.
Лолабарги сабзпайкар бомдод
Чун сари шамшери олуда ба хун.

***

Он май ба дасти он бути симини ман нигар,
Гӯйӣ, ки офтоб бипайваст бо қамар.
В-он соғаре, ки соя биафканд май ба вай,
Барги гули сапед аст гӯйӣ ба лола бар.

Ад.: Донишномаи Рӯдакӣ, Д., 2008.

Ҳ. Қаландаров.

АММОРИЯ́, ф а т ҳ и я, а ф т а ҳ и я, як фирқаи шиъа, ки муассисаш Абулфазл Аммор ибни Мусои Соботӣ буд. Пайравони А. имоматро аз Алӣ ибни Абитолиб то Ҷаъфар ибни Муҳаммад ба таври силсилавӣ пазируфтаанд. Онҳо мӯътақиданд, ки имом баъди Ҷаъфар ибни Муҳаммад писари калонии Ҷаъфари Содиқ – Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар аст. Онҳоро аз рӯи лақаби Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар (футҳӣ ё афтаҳ – паҳнпой) футҳия ё афтаҳия низ гӯянд. Муаллифи «Фирақ-ушшиъа» овардааст, ки Абдулло ибни Ҷаъфар бародаронашро эҳтиром накарда, ҳангоми зинда будани падараш ба ҳашвия майл намуд ва баъди марги ӯ даъвои имомат кард. Ам-

мор ибни Мусои Соботӣ дар охири умраш аз ақидааш рӯҷеъ ба имомати Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар рӯй гардонда, имомати Козимро пазируфт ва бо ин гузариши имоматро аз бародар ба бародар эътироф намуд. Минбаъд пайравони А. ба чанд ҷамоа тақсим шуданд. Зурория (ё таймия) аз ҷумлаи онҳост. Ҳоло А. чун фирқаи мустақили динӣ фаъолият надорад, баъзе нуқтаҳои ақоидашон дар таълимоти мазҳаби шиъа мушоҳида мешаванд. *И. Саидов.*

АММОФО́С, навъе аз нуриҳои нитрогену фосфордор. Дар натиҷаи нейтрализатсияи кислотаи фосфат бо аммиак ҳосил мекунанд. Асосан аз омехтаи моноаммонийфосфат $NH_4H_2PO_4$ ва каме диаммонийфосфат $(NH_4)_2$ HPO_4 иборат аст. Дар об нағз ҳал мешавад. Камнамак аст, сахт намешавад, чанг намекунад, зуд пош мехӯрад. Дар хокҳои гуногун (хусусан сиёҳхок ва хокҳои хокистарранг) чун нурии асосӣ ва ғизои иловагӣ истифода бурдан мумкин. Нурии бебаҳо барои зироати техникӣ (пахта, лаблабу ва ғ.) аст. Таносуби зиёди миқдории нитрогену фосфори А. бисёр вақт зарурати илова намудани нуриҳои нитрогендорро ба миён меоварад. Барои истеҳсоли нуриҳои минералии омехта ва мураккаб унсури беҳамтост. Сари вақт ба хок андохтани А. зироатро сармобардор мекунад, ташаккул ва пухта расидани ҳосилро метезонад. Дар таркиби А. омехтаҳои зарарнок вуҷуд надоранд. Меъёр, мӯҳлат ва тарзи истифодааш ба дигар нуриҳои фосфордор монанд аст. А.-ро дар халтаҳои коғазӣ нигоҳ медоранд.

Ад.: Трапезников В. К., Локальное питание растений, Уфа, 1999; Ефимов В. Н., Система удобрения, М., 2003; Эффективность применения средств химизации и ресурсосберегающие технология в сельском хозяйстве, Казань, 2005.

АММОФО́СКА, як навъ нурии минералӣ. Дар таркибаш 15% N, 15% P_2O_5, 15% K_2O, 1,2% H_2O мавҷуд аст. А. 45% моддаҳои ғизоӣ дорад. Аз ин рӯ, истеҳсоли А. аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан камхарҷ аст. Онро барои парвариши картошка, марҷумак, зағир, лӯбиёгиҳо, тамоку, ток ва ғайра тавсия медиҳанд. Дар ҳама гуна хок истифода мешавад, хусусан барои гилхок, регхок ва хокҳои ботлоқӣ манфиатнок аст. А. нам намекашад.

АМНАВО́Д, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чилдухтарони ноҳ. Мӯъминободи вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 27 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 152 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АМНЕЗИ́Я (аз *а*… ва юн. mnéme – хотир), ихтилоли хотир. Ҳар гуна таассурот ва эҳсосот дар майнаи одам нақш мегузорад (энграмма). Хотир бошад, он нақшро дар худ таҷассум месозад (ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ), маҳфуз медорад ва дар мавриди зарурат таҷдид менамояд (репродуксия). А. дар натиҷаи бемориҳо ва осебу садамаи мағзи сар ба вуҷуд меояд.Ниг. низ *Нисён.*

АМНИОТО́МИЯ (Amniotomia), чок кардан ё дарондани ҷанинхалта. Бо мақсади ангехтани дард, инчунин ҳангоми ғафс будани пардаи ҷанин, паст ҷой гирифтан ё қисман ҷудо шудани ҳамроҳак, баланд шудани фишори хун дар вақти таваллуд амалӣ гардонда мешавад. А.-ро дар шароити тамйизӣ (ниг. *Асептика*) ба воситаи асбобҳои махсус мегузаронанд. Дар вақти таваллуд А.-ро метавонад момодоя ба ҷо оварад.

АМНИЯ́Т, маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, маъмурӣ, сиёсӣ, ки дар онҳо муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа, давлат аз ҳодисаҳо ва таъсироти зарарноки муҳити зист, ҳамчунин аз дигар навъи таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ мадди назар гирифта мешавад. Ин истилоҳ дар даврони муосир хеле маъмул буда, ба аксари ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсатшиносӣ ворид шудааст. Ниг. низ. *Амнияти байналмилалӣ, Амнияти миллӣ, Амнияти хӯрокворӣ, Амнияти иқтисодӣ, Амнияти иҷтимоӣ, Амнияти экологӣ, Амнияти энергетикӣ.* Ҷомеа ва арзишҳои моддию маънавии он, давлат ва сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти ҳудуди он аз объектҳои асосии А.-и шахс ва ҳуқуқу озодиҳои он мебошанд. *Х. Ойев.*

АМНИЯ́ТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, низом ва услуби муносибатҳои байналмилалӣ, ки шомили суботи бомароми рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳо буда, ба рафъи таҳдидҳои таҷовузи берун а, таъмини ҳамзистии осоиштаи давлатҳо дар пояи баробарҳуқуқӣ, истиқрори истиқлолияти миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комили халқҳо асос меёбад. Фароҳам овардани чунин шароити мусоид яке аз вазифаҳои умда ва муҳиму пурмасъули ҳар як давлат буда, дар ҳуқуқи байналхалқии муосир, аз ҷумла дар Оинномаи СММ ифода ёфтааст.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) бар асари қувват гирифтани таҳдид ва хатари ҷанги ҷаҳонии атомӣ ва термоядроӣ мубориза ва талошҳо барои таҳкими сулҳ ва таъмини амнияти халққо таъхирнопазир гардиданд. Ин талошҳову муборизаҳо тамоми халқи ҷаҳонро фаро гирифта, ба ташкили системаи томи давлатҳои мустақили Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ оварда расонданд. Санадҳои таърихии ҷаласаҳои машваратии байналхалқӣ шоҳиди онанд, ки мубориза барои А. б., халъи силоҳ (яроқпартоӣ), истиқлолияти миллӣ, ҳамкорӣ ва сулҳ ҳақиқатан хусусияти умумиҷаҳонӣ ва умумихалқӣ пайдо кардаанд. Воситаҳои асосиву умдаи таъмини А. б. мушоҳидаҳои дуҷониба, бароҳандозии бехатарии тарафайн, муттаҳид сохтани давлатҳо дар иттиҳодҳои бисёрҷанба, тааҳҳуди ташкилотҳои байналмилалии умумиҷаҳонӣ, демократикунонии ҷомеа, демилитаризатсия ва гуманизатсияи тартиби сиёсии байналмилалӣ, истиқрори авлавияти (муқаддамӣ, афзалиятнокӣ) ҳуқуқӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Мутаносибан аз доираи зуҳур сатҳҳои зерини А. фарқ карда мешаванд: 1) миллӣ, 2) минтақавӣ ва 3) глобалӣ – умумӣ. *М. Ҷӯраев.*

АМНИЯ́ТИ ИҚТИСОДӢ, яке аз қисматҳои асосии амнияти миллии давлат. Аз дидгоҳи фарохтар, зери мафҳуми А. и. кифоятии таъминот мутобиқи сатҳи талаботи амнияти миллӣ бо захираҳои молиявӣ ва бештар захираҳои зурурии худӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт ва болобурди сатҳи рақобатпазирии мамлакат, ҳифозати манфиатҳои иқтисодии шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ дар амон будан фаҳмида мешавад. А. и. бунёди амнияти миллист, ки бойгариҳои табиӣ, захираҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, амволи ғайриманқул, захираҳои моддӣ (молӣ), инсонӣ, сохторҳои хоҷагӣ, оила, шахсӣ ва амсоли инҳоро фарогир аст. Косташавии А. и. ба хоҷагии ҳар мамлакат таъсири манфӣ расонда, манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлатро маҳдуд месозад. Стратегияи А. и. бошад, шароитҳои мусоиди рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, инчунин ҳимояи манфиатҳои барои ҳаёт муҳимро аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ дар бахши иқтисодиёт таъмин

менамояд. Фароҳам овардани чунин шарту шароитҳо барои ғанӣ гардидани буҷаи давлат, аз ҷумла барои таъмини захираҳои молиявӣ-иқтисодӣ, ки дараҷаи таъминоти зарурии амнияти миллиро дар бар мегирад, дар навбати аввал қобилияти мудофиавиро боэътимод ва барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд. Таъмини А. и. аз рӯи хусусиятҳои худ вазифаи стратегӣ ва дарозмуддат мебошад. Дар шароити ҳозира Стратегияи рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ мегардад: Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то с. 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои с-ҳои 2010 – 12 (давраи 3-юм). Пайи ҳам ва аз рӯи нақша амалӣ гардидани мақсадҳои барномавӣ, ки аз ҳуҷҷатҳои мазкур бармеоянд, ба рушди босуботи иқтисодиёти кишвар дар давоми 10 соли охир мусоидат намуданд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар дар ин давра 2,2 маротиба афзуда, суръати болорафти миёнасолонаи он 8,3 фоизро ташкил дод. Сатҳи таваррум наздики 4 маротиба паст гардид. Қарзи берунии давлат, ки дар с. 2000-ум 108 фоизи ММД-ро ташкил медод, дар с. 2010 то андозаи 31, 5 фоиз кам гардид. Дастовардҳои мусбӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мусоидат намуданд, ки он аз 81 фоизи с. 1999 то ҳади 49,3 фоиз дар с. 2009 пойин рафт. Барои комёб шудан ба А. и.-и кишвар корҳои бисёреро бояд анҷом дод. Бахусус, се самти стратегии фаъолияти иқтисодии кишвар барои ояндаи наздик муайян карда шудаанд, ки дар мавриди ҳалли мусбии онҳо метавон дар ин ҷода ба А. и.-и комил муваффақ гашт: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, бехатарии хӯрокворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшидани ҷумҳурӣ.

С. Назриев.

АМНИЯ́ТИ ИҶТИМОӢ, қисми таркибии амнияти миллӣ, ки ҳолати шахсият, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҳуқуқ ва озодии иҷтимоии ононро таъмин менамояд. Объекти доимии А. и. маҷмӯан шахсияти воқеӣ, ҳуқуқҳо ва озодии ҳаётан муҳими ӯ дар партави ҳаёти ҷамъиятӣ буда, ба ӯ аз тарафи давлат имконияту замонат дода мешавад, ки зиндагӣ кунад, фаъолият намояд, ҳақи хизмат дарёфт кунад, худро маҷонан табобат кунад ва ройгон маълумоти таҳсилотӣ гирад, истироҳату фароғат намояд. Бахусус, дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ дар шароитҳои мушаххасу муайяне, ки як гурӯҳ ё табақаи аҳолии камбизоат ё нисбатан муфлис ба ҳимояи иҷтимоӣ ниёзманданд, таъмини А. и.-и онҳо аз тарафи давлат воҷиб мебошад. Аксаран аз А. и. занон, кӯдакон, маъюбон ва нафақагирҳо бархурдор бояд бошанд. Яке аз вазифаҳои А. и. беҳтар намудани сифати зиндагӣ дар доираи ҷалб будан ба коре мебошад. Дар таъмин намудани А. и.-и аҳолӣ вазъи муҳити зист низ аҳамияти калон дорад; истиқрори экологӣ ва кам гардидани зарарҳои табиӣ хеле заруранд. Эҳсоси муфлисӣ дар муқобили ашхоси дорам низ аз нобаробарии иҷтимоӣ буда, ба ҳифозат ниёз дорад ва даромади воқеии аҳолию таъмин будан бо макони зист, нерӯи электрикӣ, газ ва дигар маводи сӯзишворию хӯрокворӣ аз ҷузвҳои А. и. мебошанд.

Ш. Шоисматуллоев.

АМНИЯ́ТИ МИЛЛӢ, маҷмӯи андешаҳои расман қабулшуда ба мақсаду стратегияи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз таҳдидҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, низомӣ, техногенӣ, экологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ бодарназардошти захираҳои мавҷудаи имкониятҳо. Қобилият, истеъдод ва ҳунари миллат барои қонеъ гардондани талаботе, ки ҷиҳати худҳифозаткунӣ, худистеҳсолкунӣ, худтакмилдиҳӣ ва худтаҷдидкунӣ бо камтарин хисорот (зарарҳо) барои арзишҳои бунёдии ҳолати кунуниаш зарур мебошанд. А. м. чунин соҳаҳоро дар бар мегирад: амнияти давлатӣ – мафҳуме, ки дараҷаи ҳифзи давлатро аз хатароти дохилию хориҷӣ муайян месозад; амнияти ҷамъиятӣ – мафҳуме, ки дар он дараҷаи ҳимояи шахс ва ҷамъият ифода меёбад, ғолибан аз таҳдиди дохилии хусусияти умумихатаридошта; амнияти техногенӣ – дараҷаи ҳимоя аз хатарҳои дорои хусусияти техногенӣ; амнияти экологӣ – ҳимоя аз хатароти офатҳои табиӣ; амнияти иқтисодӣ; амнияти энергетикӣ; амнияти иттилоотӣ; амнияти фарҳангӣ, амнияти шахсият.

Таъмини А. м. – маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ, низомӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фароҳам овардани фаъолияти ҳаёти мӯътадили миллат, бартараф сохтани хатароти имконпазир равона шудаанд. А. м. ҳамчунин фарогири ҷанбаҳои зерин мебошад: ҳимояи сохти давлатӣ; ҳимояи сохти ҷамъиятӣ; таъмини дахлнопазирии ҳудудӣ ва истиқлолият; таъмини мустақилияти сиёсӣ ва иқтисодии миллат; таъмини тандурустии миллат; ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; мубориза бо ҷиноятқорӣ; таъмини амнияти техногенӣ ва ҳимоя аз хатарҳои офати табиӣ. Таъмини А. м. бо татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ, системаи иқтисодӣ, тадбирҳои инженерӣ-техникӣ, ҳаётии шахс, ҷамъият ва давлат ба даст оварда мешавад. Принсипҳои асосии таъмини А. м. инҳоянд: қонуният, риояи мувозинаи манофеи ҳаётан муҳими шахс, ҷамъият ва давлат; масъулияти мутақобили шахс, ҷамъият ва давлат оид ба таъмини амният; якҷояшавӣ бо системаҳои байналмилалии амниятӣ. Барои муҳайё кардан ва нигаҳдории дараҷаи зарурии ҳифзи объектҳои амниятӣ дар ҳар як давлат системаи меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия мешаванд, ки муносибат дар соҳаи амниятро ба танзим медароранд. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро дар ин бахш муайян мекунанд, ба ташаккул ва азнавсозии мақомоти таъминкунандаи амният мусоидат намуда, фаъолияташонро зери назорат мегиранд. А. м. самтҳо ва принсипҳои муҳими сиёсати давлатиро инъикос менамояд. Усулҳои асосии он инҳоанд: риояи Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузориҳои марбута ҳангоми амалисозии фаъолият оид ба таъмини амният; ягонагӣ, робитаи мутақобила ва дар мувозинат будани ҳамаи намудҳои амният; тағйири авлавияти онҳо вобаста ба вазъият; авлавияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотии чораҳои таъмини амният; риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои Тоҷикистон ҳангоми иҷрои чораҳои иҷборӣ (аз ҷумла истифодаи нерӯҳои низомӣ); тавъамкунии идораи мутамарказонидаи нерӯҳо ва воситаҳои таъмини амният бо таҳвили қисми ваколат дар ин соҳа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ. Аслан А. м.-ро артиш, хадамоти разведка ва контрразведка, идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти тиббӣ ва идораҳои масъули амсоли инҳо таъмин менамоянд.

АМНИЯ́ТИ ХЎРОКВОРӢ, амнияти озуқаворӣ, ҳадафи ягона ва сиёсати аграриву иқтисодии давлат, ҳолати иҷтимоие, ки дар ҳар лаҳзаи он тамоми ақшори ҷомеа имконияти воқеӣ ва иқтисодии дастрас намудани хӯрокворрии безарарро барои таъмини зиндагии солим доро мебошад. А. х. ҳамчун қобилияти кафолат додани давлат дар бобати қонеъ намудани

талабот ба хӯрокворӣ дар сатҳе, ки фаъолияти мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолиро таъмин менамояд, дониста мешавад. Дар мавриди таъмин намудани талаботи физиологии организми инсон бо моддаҳои ғизоӣ ва энергияҳо, дар як маврид вазифаҳои пешгирикунанда ва табобатӣ иҷро карда мешаванд. Мояи ғамхорӣ бояд ташкили ғизои солим барои тамоми табақаҳои аҳолӣ бошад. А. х. ҳамчунин омодагии ҳамешагии давлату ҳукуматро ҳангоми рух додани ҳодисаҳои нохуш ва дигар ҳолатҳои фавқулода ифода мекунад. Меъёрҳои асосии А. х.-и ҳар мамлакате, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам, аз ин омилҳо иборат аст: дараҷаи қонеъсозии талаботи физиологӣ ба моддаҳои ғизоӣ ва энергия; безарарии ашёи хоми хӯрокворӣ ва маҳсулоти ғизоӣ; сатҳи дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии ғизоӣ барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла истеъмолкунандагони махсус; дараҷаи вобастагии таъминоти хӯрокворию мамлакат ва таъминоти захиравии комплекси агросаноатӣ аз воридоти маводи хӯрока аз хориҷ, ҳаҷми захираҳои хӯрокворию стратегию таъҷилӣ муқоисатан бо миқдори талаботи тавсияшуда. Бо мақсади баҳо додан мутобиқи ин меъёрҳо ба сатҳи муқарраршуда ва дар оянда пешбинишавандаи А. х. андозаҳои мутобиқро тибқи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – гурӯҳҳои касбӣ ва ҷинсию синнусолии аҳолӣ кор карда мебарояд. Барои муайян намудани андозаҳои меъёрии сатҳи бехатарии ғизои аҳолӣ аз рӯи миқдор, анвои хӯрок, таркиби моддаҳои ғизоӣ ва басандагии энергетикӣ имкон дорад сабади истеъмолӣ, ки аз рӯи 25 номгӯйи маҳсулот ҳисоб карда мешавад, истифода гардад. Муқоисаи истеъмолоти воқеӣ ва пешбинишаванда аз рӯи ин маҷмӯъ яке аз нишондодҳои асосии сатҳи А. х. ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии Барномаи А. х.-и Тоҷикистон низ муайян намудани тадбирҳои муносиби иҷтимоӣ, самарабахшии иқтисодӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ ва техникӣ иҷрошаванда, муқаррар намудани афзалиятҳо дар бобати муваффақ гаштан ба А. х. ва рушди устувори бахши аграрӣ мебошад.

Тандурустии аҳолӣ бойгарии давлат мебошад ва ҳифзи А. х. вазифаи ҳамаи мақомоти назоратии кишвар ба шумор меравад. Дар барномаҳои давлатӣ стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии мардум дар мадди аввали назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, мақсади асосӣ баланд бардоштани истеҳсолот ва сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Сифатнокии молу маҳсулот яке аз масъалаҳои асосии А. х. ва ҳифзи саломатии аҳолӣ дониста мешавад. Дар ҳамин раванд аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мазкур қарору қонунҳо таҳия гардиданд. Яке аз ин қонунҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» мебошад (№ 54 аз 10 майи 2001). Дар қонуни мазкур вазифаи ҳамаи мақомоти назоратӣ оид ба ҳифзи амнияти бехатарии аҳолӣ аз маводи ғизоӣ дар алоҳидагӣ муайян карда шудааст. Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ин ҳолати доштани боварии асоснок ба маҳсулоти хӯрокворист, ки истифодаи он дар шароити муқаррарӣ барои саломатӣ зарарнок нест ва ба саломатии наслҳои ҳозираву оянда хатар надорад. Бехатарии маҳсулоти хӯрокворие, ки аз беруни марзи кишвар ворид карда мешавад, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 139 аз 31 марти 2004 «Дар бораи бақайдгирӣ, барасмиятдарорӣ ва додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ» сурат мегирад ва назорат карда мешавад. Таъмини А. х. аз самаранокӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Соҳаи мазкур бахши пешбарандаи иқтисодиёти ҳар кишвар дар алоҳидагӣ ва аз он ҷумла Тоҷикистон низ мебошад. Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини босубот ва мутаносиби аҳолии кишвар бо хӯрокворӣ ба тавассути афзоиши мунтазам ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин ҳифзи захираҳои табиӣ, ки барои тавсеаи такористеҳсолкунӣ зарур мебошад, мусоидат менамояд. А. х. ва ғизо ҳамон вақт таъмин ҳисобида мешавад, ки агар хӯрокворию мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан) мавҷуд ва дастрас бошад ва ҳамаи табақаҳои ҷомеа ҳама вақт барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим чунин хӯрокворию истеъмол намоянд. *С. Алиев.*

АМНИЯ́ТИ ЭКОЛОГӢ, як ҷузви амнияти миллӣ, маҷмӯи шароитҳои табиию иҷтимоӣ барои таъмини ҳаёти бехатару фаъолияти ашхоси дар ҳудуди муайян зиндагикунанда, ҷамъи тадорукоти ҳуқуқӣ, тиббӣ ва биологӣ барои нигаҳдошти тавозун байни биосфера ва барзиёдии антропогению (мудохилаи инсоният ба табиат) дигар фишорҳои воқеӣ. А. э. беҳдошти вазъи экологии кишвар ва бехатарии экосистемаҳои табиӣ оид ба ҳифзу нигоҳдории намудҳои нодири набототу ҳайвонот, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, пешгирии ҳодисаҳои тағйирёбии иқлим, таъмини бехатарии экологии ҷумҳурӣ ва дигар самтҳои муҳити зистро омӯхта, чораҳои зарурӣ пешниҳод менамояд. Қонунҳо «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (1993; 2008), «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва иншоотҳо» (1996), «Дар бораи олами ҳайвонот» (2008), «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» (1996), «Оид ба гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ» (с. 2004) ва ғ., инчунин барномаи давлатии экологӣ барои с-ҳои 1999 – 2008 ва барномаи нави экологӣ барои с -ҳои 2009 – 19 аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин росто ба нақшаи амал гирифтааст. Бо мақсади таъмини А. э. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои экологиро ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намуда, ҳуҷҷатҳои заруриро омода кардааст. Вай ба як қатор созишномаҳои ҳифзи муҳити зисти байналхалқӣ: Созишномаи Вена «Дар бораи ҳифзи қабати озон» (1996), Созишнома «Дар бораи гуногунии биологӣ» (1997), Созишнома «Доир ба мубориза алайҳи биёбоншавӣ», Созишнома «Дар бораи тағйирёбии иқлим» (1998), Созишнома «Дар бораи заминҳои обӣ – ботлоқӣ» (2000), Созишнома «Доир ба нигоҳдории намудҳои кӯчандаи ҳайвоноти ваҳшӣ» (2000) шомил аст. Ҳамзамон бо мақсади таъмини мувозинати биологӣ – А. э.-и кишвар Фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 121-ф аз 2 дек. 2009 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомнома оид ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расидааст, ки ҳоло мавриди иҷро қарор дорад. *Х. Давлатов.*

АМНИЯ́ТИ ЭНЕРГЕТИКӢ, аз муҳимтарин рукнҳои бехатарии ҳар давлат. Ба мафҳуми нисбатан васеътар А. э. вазъият ва ҳолате мебошад, ки шаҳрвандон ва дар умум давлат аз норасоии ҳама гуна нерӯҳои гарміву рӯшноидиҳанда танқисӣ накашида, аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва номатлуби табиӣ, техногенӣ, маъмуриятчигӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дохилӣ, хориҷӣ ва амсоли инҳо ҳифозат мешаванд. Дар замони мо муҳимият ва проблемаҳои А. э. комилан ошкоранд. Садамаҳои бузурги руҳдодаи

солҳои наздик, ки дар системаи энергетикии ШМА, Япония ва як қатор кишварҳои Европа, Африка, Осиё, Америкаи Ҷанубӣ ва Россия ба вуқӯъ омаданд, ҳушдор аз таъмини А. э. аст. Дар 40 соли охири мавҷудияти системаи энергетикии дунё бештар аз 40 садамаи бузург рух додааст, ки аксари садамаҳо ба ШМА рост меоянд. Як сабаби рух додани чунин садамаҳоро агар мутахассисин дар шитобкории сохтмончиён дар бунёди нерӯгоҳҳои электрикӣ бубинанд, сабаби дигарашро аз имкониятҳои ин нерӯгоҳҳо аз ҳад зиёд истифода бурдани мизоҷонро медонанд. Маҳз ин ду омил метавонанд дер ё зуд боиси садама дар худи нерӯгоҳҳои электрикӣ ва симҳояшон гарданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз масъалаҳои ҳалношудаи А. э. дар канор нест ва бахусус ба бунёди нерӯгоҳҳои электрикӣ аҳамияти вижа медиҳад, ҳарчанд бо итмоми сохтмони НБО-и «Сангтӯда-1» ва пайваст шудани он ба шабакаи ягонаи энергетикии кишвар ва бо анҷоми НБО-и «Сангтӯда-2» ҳам мушкилоти бо қуввааи барқ пурра таъмин шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. «Сангтӯда-2» нерӯгоҳи маҷроӣ буда, бе обанбори калон фаъолият хоҳад кард. Ин иншоот бо иқтидори лоиҳавии 220 МВт соат метавонад дар як сол 1 млрд кВт энергияи электрикӣ истеҳсол намуда, дар бартараф намудани мушкилоти энергетикии кишвар нақши муҳим бозад. Корҳои кашшофӣ дар мамлакат мавриди истеҳсоли газу нефт низ босуръат идома доранд. Бо ёрии Ширкати «Газпром»-и Россия корҳои пармакунӣ дар кони гази маҳаллаи Сариқамиши ноҳ. Шаҳринав (дек. 2010) шурӯъ шуданд. Ҳукумат бо ширкати вазорату идораҳои марбута, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар давоми с-ҳои 2009 – 10 дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бештар аз 60 нерӯгоҳи хурд бунёд намуд. Шумораи умумии НБО-и хурд то 2010, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, грантҳо ва сармоягузорони ватанӣ сохта шудаанд, 232 ададро ташкил медиҳанд: дар вил. Хатлон – 18 (890 ҳазор кВт), вил. Суғд – 77 (3487, 5 ҳазор кВт), ВМКБ – 40 (5619 кВт), ноҳияҳои тобеи марказ – 97 (4848, 7 кВт). Дар давоми як соли 2010 дар ҷумҳурӣ 27 НБО-и хурд бунёд гардид, ки 14-тои он дар ноҳияҳои тобеи марказ, 11 адад дар вил. Суғд ва 2-тои дигар дар вил. Хатлон (бо иқтидори умумии 1149 кВт) бунёд шудаанд. Тайи с-ҳои 2010 – 11 дар манотиқи кишвар бояд 28 нерӯгоҳи хурд (бо иқтидори 11299 кВт) бунёд гардад ва алҳол сохтмони онҳо идома дорад. Барои таъмини А. э.-и кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ дар баробари бунёди нерӯгоҳҳои электрикии хурду бузург ба сохтмони нерӯгоҳҳои бодӣ низ оғоз намудааст. Танҳо дар с. 2009 бунёди ҳамин гуна нерӯгоҳҳо дар ноҳияҳои Балҷувон, Фархор, Шӯрообод, Чкаловск шурӯъ гардид ва алҳол (2010) 80%-и корҳои сохтмонӣ дар онҳо ба анҷом расидааст. Инчунин, Маркази дуюми барқу гармидиҳии Душанбе дар нақшаи сохтан қарор дошта, то с. 2020-ум 60 нерӯгоҳи хурд бояд дар навоҳии дурдасти кӯҳистон бунёд гарданд. Барои рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ танҳо дар с. 2010-ум 1 млрд 100 млн сомонӣ ё 16%-и ҳаҷми умумии буҷет равона гардид, ки ин нисбат ба с. 2009-ум 181 млн сомонӣ ё 20% зиёд мебошад. Танҳо бо бунёди пурраи НБО-и «Роғун» кишварамон бо қуввааи барқ пурра таъмин гардида, изофаи он ба хориҷ аз кишвар метавонад содир шавад. Ба ҳар ҳол тақозои А. э. дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани таҷҳизот ва дигар иқдомҳою тадорукоти заруристанд, ки ҳамеша бояд мадди назар бошанд. Ин амалҳо, бахусус дар замони ҳозира аз рукнҳои муҳими таъмини А. э. ба ҳисоб мераванд. Бо мақсади таъмини А. э-и мамлакат, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сохтмон ва бозсозии иншоотҳои электрикӣ, бахусус дар минтақаҳое, ки аз энергияи электрикӣ танқисӣ мекашанд, рушд ёбад.

Ҷ. Ҷӯраев, В. Тиллоев.

АМО́Н, дар талаффузи форсӣ О м у н , яке аз худоҳои миллии Мисри Қадим. Дар Мисри Қадим А. подшоҳи худоҳо ва ҳимояткунандаи фиръавнҳо ҳисоб меёфт. Худоҳои миллии мисриёни қадим бештар бо мавзеъ ва шаҳрҳои алоҳида вобаста буданд. Решаи чунин парастишот ба замонҳои қабл аз таърих мерасад. Бо мурури эътибори бештар пайдо кардани шаҳрҳои алоҳида доираи парастиши худои парастишшавандаи он мавзеъ васеъ мешуд. Айнан ҳамин тавр, аз давраи Шоҳигарии Миёна (2050 – 1700), аз замоне, ки Фив маркази умумии мисриён эътироф гашт (Фив дар давоми асрҳо пойтахти Мисри Қадим буд), парастиши А. характери умумидавлатӣ гирифт. Ҳатто А.-ро Амон-Ра низ меномиданд. Зеро Ра (Офтоб) аз замонҳои қадим дар Миср подшоҳи худоҳо ва падари одам ҳисобида мешуд. *А. Комилӣ.*

«АМОНАТБО́НК», бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон, бонки махсусгардонидашуда барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ. Муассисаш Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. «А.» баробари фаъолияти анъанавии бонкӣ хизматрасонӣ ба нафақахӯрон, ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ба пасандозҳо, қабули пардохтҳои коммуналӣ аз аҳолӣ, пардохти ҷубронпулиҳо, додани қарзҳои имтиёзнок ба оилаҳои камбизоат, муомилоти коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо ва дигар хизматрасониҳои хосро иҷро мекунад. «А.» дорои шабакаҳои васеи хизматрасонӣ буда, 5 бахши вилоятӣ, 70 шӯъбаи шаҳрию ноҳиявӣ, 506 агентӣ дорад. «А.» бо 12 низоми фаврии интиқоли маблағҳо ҳамкорӣ дошта, дар шӯъбаҳои он 122 нуқтаи интиқол бо 1061 адад калиди нуқтаи дастёбӣ амал мекунанд. Дар с. 2009 сармояи умумии «А.» 112,2 млн, активҳояш 650,5 млн, даромади софаш 6,2 млн сомониро ташкил дод. Дар ин давра ба шӯъбаҳои «А.» дар маҷмӯъ 222,9 млн доллари ШМА маблағ ворид шудааст. Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дар ин замина дастгирӣ кардани лоиҳаҳои калону хурди стратегии Тоҷикистон ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ самти афзалиятноки фаъолияти молиявии «А.» мебошад. Дар давоми с-ҳои 2008 – 10 ба воситаи муассисаҳои «А.» ба 1043 хоҷагии пахтакории вил-ҳои Суғд ва Хатлон барои рушди кишоварзӣ 80 млн сомонӣ (аз буҷети ҷумҳуриявӣ) дастрас гардонда шуд. Муассисаҳои «А.» дар с. 2009 ба 11.556 нафар муштарӣ ба маблағи умумии 208,6 млн сомонӣ қарз пешниҳод намуда, ба зиёда аз 535 ҳазор нафақагир хизмат расонданд.

Нимаи дуюми а. 19 Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна намояндагӣ ва бахшҳои ташкилотҳои молиявиашро кушод. Моҳи марти 1885 дар уезди Хуҷанд аввалин хазинаи амонатгузорӣ ба фаъолият оғоз кард. Ин санаи тавлиди умури амонатгузорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аст. Хазина, мувофиқи асноди таърихӣ, 208 нафар мизоҷ (7 сокини шаҳр ва 201 сокини деҳот) ва 6500 рубли Россия маблағи умумӣ дошт ва ба мизоҷон ба миқдори аз 25 то 50 рубл қарз медод. Солҳои 90 а. 19 чунин хазинаҳо дар марказҳои аҳолинишини Ӯротеппа, Унҷанд, Калина, Исфанай, Нов, Ғончӣ ва ғ. ба кор сар карданд. Баъди Инқилоби Октябр Декрети Дав-

лати Советӣ «Оид ба милликунонии бонкҳо» (27 окт. 1917) аввалин санаде буд, ки тибқи он хазинаҳои амонатгузорӣ фаъолияти худро дар сохт ва сиёсати нав ба роҳ монданд. 1 дек. 1925 дар назди Комиссариати молияи РАСС Тоҷ. Хазинаи давлатии амонатгузорӣ таъсис ёфт ва ин санаи таъсиси «А.» ҳисоб мешавад. Соли 1987 Хазинаи давлатии амонатгузории меҳнаткашон ба Бонки давлатии амонатгузории меҳнаткашон («Сбербанк»-и СССР) ва дар ин замина Хазинаи давлатии амонатгузории меҳнаткашони РСС Тоҷ. ба Бонки давлатии амонатгузории меҳнаткашони РСС Тоҷ. табдил шуданд. Соли 1990, баъди пош хӯрдани СССР, ин бонк дар қатори дигар бонкҳо моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Муассиса моҳи янв. 1992 номи Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт; 26 ноябри 1998 ба он мақоми давлатӣ дода шуд ва алҳол номи расмиаш Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» мебошад. «А.» яке аз бонкҳои муқтадиртарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ёфта, дар пешбурди сиёсати иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоии кишвар саҳми калон дорад. Ба соҳибкорони хурду миёнаи бо фаъолияти истеҳсолӣ машғулбуда қарзҳои имтиёзнок дода, ба амалиётҳои маблағгузории тиҷорат, пешгирии оқибатҳои бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Бо ташкилотҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ: Бонки Давлатии Рушди Хитой, Бонки Исломии Рушд, Бонки Рушди Европа ҳамкорӣ дорад. «А.» иштирокчии Иттифоқи умумиҷаҳонии алоқаи байнибонкии молиявӣ буда, ба шабакаи СВИФТ пайваст гардидааст; узви Ин-ти умумиҷаҳонии бонкҳои амонатгузорӣ ва узви Иттиҳодияи байнибонкии Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад. А.» аз рӯи натиҷаҳои Барномаи «Пешвоҳои садсолаи 21», ки дар беш аз 20 мамлакати минтақаи Евроосиё амалӣ мегардад, сазовори мукофоти байналмилалии «GOLDEN JAGYAR» (Юзи тиллоӣ) гардидааст. Инчунин Комитети Ассамблеяи тиҷорати европоӣ ба фаъолияти «А.» баҳои баланд дода, онро бо ҷоизаи байналмилалии «European quality» (Сифати европоӣ) сарфароз гардондааст.

АМОНА́ТОВ Фаррух (тав. 13. 04. 1978, Душанбе), шоҳмотбози тоҷик, аввалин гроссмейстери байналмилалӣ (2002) аз байни тоҷикон. Хатмкардаи Донишкадаи политехникии ш. Москва (1999). Чемпиони чандинкаратаи Тоҷикистон, чемпиони Осиё байни наврасон (1992), чемпиони ш. Москва (2003). Дар ҳайати дастаи Тоҷикистон солҳои 1996, 1998, 2002, 2006 дар Олимпиадаҳои ҷаҳонии шоҳмот иштирок намудааст. Ғолиби мусобиқаҳои байналмилалӣ дар ш-ҳои Москва (2002), Владимир (2004).

АМОНДАРА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Амондараи ноҳ. Панҷакент. Аз А. то маркази ноҳия 24 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 3056 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин русҳо ва ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, 3 сартарошхона, нуқтаҳои савдои хусусӣ ва истироҳатгоҳи «Санги Сипар» дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз сойи Амондара ва аз д. Зарафшон обёрӣ мешаванд. Нависанда *Сорбон* дар ҳамин деҳа таваллуд шудааст.

АМОНИ́И КОБУЛӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1574/75, Ҷунпури Ҳиндустон), шоири форсизабони Ҳиндустон. Дар зодгоҳаш Кобул улуми расмии даврро омӯхта ба камол расид. Сипас ба Ҳиндустон сафар карда, дар дарбори ҳукмрони он кишвар хидмат кардааст. Тазкиранигорон, аз ҷумла Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» аз ӯ чун шоири боистеъдоду тавоно ёд кардаанд. Дар навъҳои гуногуни адабӣ – ғазал, қасида, рубоӣ ва ғ. асарҳо офаридааст. Намунаҳои ашъораш ба воситаи тазкираҳо то замони мо расидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Сина чок асту ҷигар решу дил афгор маро,
Карда ишқи ту ба сад дард гирифтор маро.
Оҳ, сад оҳ, ки сӯзи ҷигару оташи дил,
Кард расвои ҷаҳон оқибати кор маро.

***

Дар ин гулшан дили хунгаштае пайдо на мегардад,
Ки аз дасти ту набвад лоласон сад доғ бар ҷонаш.
Нишон гар з-он даҳон хоҳӣ, дило, некӯ тааммул кун,
Ки ин мушкил муаммоест, натвон ёфт осонаш.

Ад.: Муският-ул-фузало ё Баҳори афгонӣ, Деҳлӣ, 1350 ҳ. қ. *С. Ализода.*

АМОНИ́И ХУРОСОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 11). Аз шоирони дарбори Салҷуқиён буд. Дар Хуросон зиндагиву эҷод кардааст. Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш маълум нест. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ ҳукмрони сулолаи Салчуқиён Шамсуддавла Туғоншоҳ ибни Арслон А. Х.-ро аз зиндон раҳо кард ва ӯ барои шукргузорӣ аз ҳокими номбурда маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба номи вай иншо намуд (баъди с. 1056). Дар маснавӣ омадааст, ки А. Х. дар навъҳои дигари шеър асарҳо доштааст, вале онҳо то ҳол дастрас нагардидаанд. «Юсуф ва Зулайхо»-ро баъзе муҳаққиқон иштибоҳан ба Абулқосими Фирдавсӣ нисбат додаанд ва он борҳо чоп шудааст.

Ад.: Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Т., 1344 ҳ. ш.

Ҳ. Қаландаров.

АМОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Дар Бадахшон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигорон А. аз шоирони мӯътабари замон буда, табъи баланди шеъргӯӣ доштааст. Дар тазкираҳову баёзҳо намунаҳое аз ашъораш дарҷ гардидаанд. Абёти зерин аз ӯ мебошанд:

Гар наям моили рухсори ту, ҳайронӣ чист?
В-ар надорам сари зулфи ту, парешонӣ чист?
Гар на чун шамъ ба савдои ғамат месӯзам,
Ғунчасон дар дилам ин оташи пинҳонӣ чист?
Гуфтам: «Эй дил, ба ту сад бор, ки ошиқ нашавӣ,
Чун шудӣ, оқибатуламр пушаймонӣ чист?»
Заррае зӯҳду салоҳ аз мани мискин маталаб,
Кофари ишқ, чӣ донад, ки мусулмонӣ чист?...

Ад.: Ҳабибов А., Ганҷи Бадахшон, Д., 1972.

Ҳ. Қаландаров.

АМОНҚАРА́ (Ungernia victoris), зевак, ҷавак, ҷавзак, гиёҳест бисёрсола. Барги дарози тасмашакл, хӯшагули чатрнамо, гули зангӯла ё қифшакли зард, ғӯзаи сепарраи сертухм, тухми калони сиёҳтоб дорад. Авг. – сент. гул карда тухм мебандад. А. дар нишебиҳои кӯҳу хоктеппаҳо (2000 – 3000 м балндтар аз с. б.) мерӯяд. Дар тибби халқӣ пиёзаки дар хокистар пухтаи А.-ро ба ҳафтпӯст ва думбал мебанданд. Пиёзак, реша, барг ва меваи А. алкалоид (галантамин, гиппеастрин, ликорин, панкратин ва ғ.) дорад. Дар амалияи тибби муосир гибромиди галантамин воситаи хубест барои табобати ихтилоли тағзия (дистрофия), фалаҷ,



Амонқара.

сусткамарӣ, иллати системаи асаб ва радикулит (дарди қуян).

Ад.: Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

АМО́НОВ Раҷаб (1. 8. 1923, Ӯротеппа – 27. 5. 2002, Душанбе), фолклоршинос, мунаққид ва нависандаи тоҷик. Узви пайвастаи АИ ҶТ (1981), доктори илмҳои филология (1968), проф. (1970). Аълочии маорифи Тоҷикистон (1960), Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон (1991). Иштирокчии ҶБВ (1941 – 45). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи педагогии Истаравшан (1938) ва Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1947). Пас аз хатми аспирантураи ИЗА ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1951) ходими илмӣ, муассис ва мудири Шӯъбаи фолклори ҳамин муассиса буд (то 1993). Нахустин мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавиаш ох. с-ҳои 40 а. 20 ба табъ расидаанд. Муаллифи бештар аз 600 асар – монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, осори бадеӣ ва ғ.

А. доир ба масъалаҳои фолклоршиносӣ, робитаи фолклору адабиёт, таърихи адабиёту санъати тоҷик, системаи рамзиёти назми халқ як силсила асару мақолаҳо таълиф намудааст: «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон» (1960), «Эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб» (1956, 1963), «Фолклори диёри Рӯдакӣ» (ҳамроҳи М. Шукуров; 1958, 1963), «Афсонаҳои халқи тоҷик» (ҳамроҳи К. Улуғзода; Д., 1957, 1959; М., 1960), «Рубоиёти халқии тоҷик ва рамзҳои бадеӣ» (1987). Бо роҳбарӣ ва иштироки А. ва фолклоршиноси рус И. Г. Левин дар Шӯъбаи фолклори ИЗА ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҷмӯаи илмӣ-академии *«Куллиёти фолклори тоҷик»* (дар 40 ҷилд) таҳия шудааст, ки 4 ҷилд ва 5 лоиҳааш ба табъ расиданд. А. яке аз нахустин муҳаққиқонест, ки таърихи пайдоишу ташаккули адабиёти бачагонаи тоҷикро ба таври муназзам тадқиқ намуда, ба табъ расонд ва роҳҳои минбаъдаи омӯзиши ин масъаларо муайян намуд («Китоби «Адабиёти бачагона», 1982; чун ҷ. 6-уми «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» ба табъ расидааст). Мақолаҳои танқидии А. дар маҷмӯаи мунтахаби «Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон» (1970) ва китоби «Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ» (1984) гирдоварӣ шуда, ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯро дар соҳаи ривоҷу равнақи тафаккури бадеии халқи тоҷик нишон медиҳанд.

А. инчунин асарҳои бадеии «Дар домани кӯҳҳои кабуд» (1961), «Дар



Амонов Раҷаб.



Амонова Дилбар.

нимароҳи умр» (1985), «Қиссаҳои сари кӯҳи баланд» (1990), «Нимкосаи таги коса» (1994), «Пушаймонӣ» (1996), «Арӯс ва ё Қиссаи зангирии писари ҳамсоя» (Д., 1994, Т., 1999), «Қиссаҳои диёри Чашмасор» (1995), «Рубоиёти мардумӣ ва рамзҳои бадеӣ» (Т. 2002) ва ғ., очеркҳои илмию бадеӣ («Аз пайи ҳикмати халқ», 1963; «Шарораҳои меҳр»-ро (1983) эҷод кардааст. А. дар донишкадаҳои олии Тоҷикистон дарс гуфта, барои мактабҳои миёна китобҳои дарсӣ («Китоби хониш», барои синфи 3, 1951 – 85; «Адабиёти ватан», барои синфи 6, 1953 – 85), таълиф намудааст. Китоби дарсии «Эҷодиёти даҳонакии халқ» (1980; ҳамроҳи В. Асрорӣ) дар Кобул низ ба табъ расидааст (1985).

Асарҳои А. ба забонҳои русӣ, англисӣ, немисӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. А. дар Симпозиуму конгрессҳои байналмилалӣ дар мазӯъҳои марбут ба эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик суханронӣ кардааст. Дорандаи мукофоти адабии ИН Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (1959), Мукофоти давлатии ҶТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (1997). Бо ордени Ҷанги Ватанӣ (дарҷаи II), «Дӯстии халқҳо», медалҳо, Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон (аз с. 1959).

Ос.: Очеркҳои эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб, Д., 1963; Лирикаи халқии тоҷик, Д., 1968.

Ад.: Амонов Р., Библиография, Д., 1994.

Б. Тилвавов, Д. Раҳимов.

АМО́НОВ Рофеъ (1903, Бухоро – 5. 3. 1962, Душанбе), аз муборизони фаъол барои барқарор намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. То с. 1920 ба косибӣ шуғл варзида, аз с. 1922 муқобили дастаҳои босмачиён дар Ӯзбекистон мубориза бурдааст. Соли 1924 ба Тоҷикистон омада, дар соҳаи маориф ва мақомоти комсомолию ҳизбӣ кор кард. С-ҳои 1934 – 38 дар сафи Армияи Сурх, 1938 – 40 шунавандаи Академияи ҳарбию сиёсӣ, иштирокчии ҶБВ (1941 – 45), комиссари ҳарбии вил-ҳои Ғарму Сталинобод (1945 – 1950), мудири кафедраи ҳарбии УДТ (1950 – 56). Бо ордени Байрақи Сурхи Ҷангӣ, 2 ордени Ситораи Сурх, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АМО́НОВА Дилбар Субҳоновна (тав. 22. 5. 1957, Душанбе), иқтисоддон, доктори илмҳои иқтисодӣ (2008), проф. (2010). Хатмкардаи Ин-ти политехникии Тоҷикистон (1979). Муҳандиси трести «Душанбестрой» (1979 – 81), иқтисодшиноси Филиали тоҷикистонии Ин-ти тадқиқоти илмии меҳнати Комитети давлатии меҳнати СССР (1981 – 84), ходими хурди илмӣ ва ходими илмии Ин-ти иқтисоди АИ Тоҷикистон (1984 – 91), корманди пешбари илмии Ин-ти тадқиқоти илмии назди Госплани Тоҷикистон (1991 – 92), мудири шӯъба, котиби илмӣ, муовин, муовини аввали директор ва директори Ин-ти тадқиқоти илмии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992 – 2001), дотсенти кафедраи иқтисод ва менеҷменти ДСРТ (2001 – 09). Аз с. 2010 проф. ҳамин кафедра. Муаллифи зиёда аз 60 таълифоти илмӣ оид ба хусусиятҳои минтақавии рушд ва ҷойгиркунии сохтмони истиқоматӣ дар Тоҷикистон, ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ. Дар Тошканд, Москва, Вашингтон дар курсҳои бозомӯзӣ доир ба иқтисоди меҳнат ширкат кардааст. Мақолаҳои илмиаш ба бисёр забонҳои хориҷӣ нашр шудаанд.

Ос.: Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан (экономические аспекты исследования), Д., 2006.

Ё. Назармамадов.

АМО́НОВА Фирӯза (30. 7. 1951, Душанбе – 2001, ҳамон ҷо), шарқшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1991), проф. (1998). Хатмкардаи УДТ (1974). Дар ҳамин муассисаи таълимӣ то охири умр дар вазифаҳои лаборант, муаллими калон, дотсент, муовини проректор оид ба корҳои илмӣ, мудири кафедраи филологияи Эрон ба кори педагогӣ ва илмӣ машғул шудааст. Оид ба масъалаҳои калимасозӣ, ономасиология дар забони форсӣ ва ғ. зиёда аз 100 асар навиштааст. Ҳангоми мудири кафедра будани А. равобити кафедра бо марказҳои эроншиносии хориҷӣ густариш ёфт.



Ос.: Таҷрибаи таҳқиқи ономасиологии системаи дериватсионии забони форсии муосир, Д., 1985; Муқаддимаи забоншиносӣ, Д., 1993; Забони форсӣ. Дастур ва мутун. Д., 1994.

АМОНУЛЛОҲХО́Н (1. 6. 1892 – 25. 4. 1960), ходими давлатӣ, подшоҳи Афғонистон (1919 – 1929), писари амир Ҳабибуллоҳхон. Ҳанӯз замони салтанати падараш узви ҷамъияти машрутахоҳон бо номи «Ихвони афғон» (машҳур ба «Ҷавонафғонон») гардид. 27 фев. 1919 баъди кушта шудани падараш Ҳабибуллоҳхон ба тахти подшоҳӣ нишаста, машрутахоҳонро ба вазифаҳои муҳими давлатӣ таъйин намуд. А. Афғонистонро пурра аз империяи Британия мустақил эълон кард, ки боиси сар задани ҷанги сеюми афғону англис гашт. Баъди Муоҳидаи сулҳ (18 авг. 1919) Британия истиқлолияти Афғонистонро эътироф кард. 20 февр. 1919 Афғонистон давлати мустақил эълон эълон карда шуд. Истиқлолияти Афғонистонро қабл аз дигарон Россияи Советӣ пазируфт. 7 апр. 1919 А. бо мактуб ба В. И. Ленин муроҷиат карда, барои бо Россияи Советӣ бастани алоқаҳои дӯстона изҳори хоҳиш намуд. 27 майи 1919 бо имзои В. И. Ленин ва М. И. Калинин ҷавоби мактуби А. ба пойтахти Афғонистон – Кобул расид, ки дар он оид ба муқаррар намудани муносибатҳои ҳасанаи дипломатӣ байни ин ду давлат мувофиқа шуда буд ва 28 февр. 1921 дар Москва шартнома ба имзо расид. Дертар (1926) шартнома байни СССР ва Афғонистон дар бораи бетарафӣ ва ба ҳамдигар ҳуҷум накардан баста шуд. Дар натиҷа, с. 1929 Армияи Сурх барои пахш кардани исёни тарафдорони англисҳо ба Афғонистон ёрии худро расонд (ин дохилшавии якуми Армияи Сурх ба Афғонистон буд). Дар навбати худ ҷавобан ба ин мадад Афғонистон с-ҳои 20 – 30 а. 20 дар торумор намудани дастаҳои босмачиён дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна кумак карда, дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бетарафиро ишғол намуд. А. дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Афғонистон ислоҳот гузаронд. Соли 1923 аввалин Конститутсияи мамлакат (Низомномаи асосии давлати олияи Афғонистон) қабул гардид, ки барои ба шоҳии машрута табдил додани кишвар замина гузошт. Бо мақсади таҳкими ҳокимияти марказӣ А. баъзе имтиёзҳои сиёсию иқтисодии хонҳо – пешвоёни қабоилро масдуд сохт. Андози натуралӣ ба андози пулӣ иваз шуда, ба рушди муносиботи молию пулӣ дар деҳот мусоидат намуд. Ғуломӣ бекор ва озодии шахсӣ эълон шуда, ҳама сокинони мамлакат сарфи назар аз миллат, нажод, мазҳаб, вазъияти иҷтимоӣ дар назди қонун баробар, молу мулкашон дахлнопазир гардид. Таълими ҳатмии ибтидоӣ дар соҳаи маориф ҷорӣ гашт. Дар натиҷа мавқеи рӯҳониён маҳдуд ва онҳо аз манбаъҳои даромад бенасиб монданд. Норозигӣ аз ислоҳот ба шӯриш-ҳои зиддиҳукуматии қабоили паштун оварда, ҳарчанд мавқеи сиёсию иқтисодии Афғонистон тақвият ёфт. Аз дек. 1927 то июни 1928 А. дар сафари дарозмуддати хориҷӣ қарор дошта, аз Ҳиндустон, Миср, Италия, Франсия, Британияи Кабир, СССР, Туркия ва Эрон дидан кард. Баъди бозгашт дар Пағмон Луи Ҷиргаро даъват кард ва ба гузарондани як силсила ислоҳоти радикалии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ даст зад, ки бо эътирози васеи табақаҳои гуногуни аҳолӣ рӯ ба рӯ шуд. Ноябри 1928 як қисми қабоили шаркӣ шӯриш бардошта, бекор намудани ислоҳоти ғайришаръиро талаб карданд. А. хусусан дар натиҷаи шӯриши Бачаи Сақҳо с. 1929 маҷбуран аз тахту тоҷ даст кашида, тарки ватан намуд. Дар Сюрихи Швейтсария фавтида, дар Ҷалолобод мадфун аст.

М. Холов. Қ. Искандаров.



АМОНШАЙХӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чӯянгарони ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази шаҳр 17 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2432 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, хонаи фарҳанг ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва зироаткорӣ. Заминҳо аз канали Роҳатӣ обёрӣ мешаванд.

АМОРАЛИ́ЗМ (аз лот. moralis – ахлоқӣ), як асли амалӣ ё майли гоявист, ки қоидаю қонунҳои маъмули рафтори ҷамъиятиро рад карда, нисбат ба он муносибати шаккокона (нигилистӣ) дорад. Дар амалия А. гоҳо бо нуқси маънавӣ ё дигар камбудиҳои фарди алоҳида вобаста мешавад. Он инчунин дар натиҷаи зиддиятҳои иҷтимоие ба вуҷуд меояд, ки табақаҳои калони ҷамъиятро ба мартабаҳо тақсим намуда, боиси таназзули маънавии шахсият мегардад. Дар назария А., одатан, меъёри ахлоқиро бо фаҳмиши утилитарию прагматикӣ, эстетикӣ ва ё дарки инфиродии озодӣ, худшиносӣ, маишату ҳаловат, манфиатҳои шахсӣ ва ғ. иваз мекунад. А. ҳамчун мавқеи оқилонаи ҳаётӣ дар натиҷаи таназзули муносибатҳои авлодию қабилавӣ, ҷудо шудани ахлоқ аз тарзи рафтори маъмули аз рӯи одату анъана ташаккулёфта ва пайдо шудани рефлекси шахсӣ нисбат ба тарзи зиндагии мавҷуда ба вуҷуд омад. Дар ҷамъияти атиқа ҳангоми якбора завол ёфтани асосҳои анъанавии авлодӣ ва зиёд шудани задухӯрдҳо байни урфу одатҳои гуногун ва русуму қоидаҳои ташаккулёфтаи табақавӣ А. комилан шартӣ, нисбӣ ва прагматикӣ будани ҳамаи усулу қоидаҳои ахлоқиро эътироф кард. Муносибаташ ба қадриёти маданияти иҷтимоӣ манфӣ мебошад (калбиён, баъзе софистон). Минбаъд А. ба ҳодисаи маъмули ҷамъияти синфию антагонистӣ табдил ёфт ва ахлоқи ҳукмрон бисёр вақт бо амалияи А. амал мекард, ақидаҳои муқобили он бошанд, ҳамчун оппозитсия умуман ахлоқро рад менамудагӣ шуданд. Дар давраи Эҳё дар эҷодиёти баъзе идеологҳо ва калисои феодалӣ (Макиавеллӣ, Лайола, Лигоури, Бузенбаум) усулҳои А. маънои ба мақсадҳои сиёсӣ пурра тобеъ намудани ахлоқро ифода мекарданд, ки барои ба амал баровардани онҳо истифода бурдани ҳама гуна воситаю услубҳо раво дониста мешуд («Мақсад ҳамаи воситаҳоро ҳақ мешуморад»). Миёнаҳои а. 19 дар шароити бӯҳрони маънавии маданият ғояи эстетикии имморалистӣ (мас., афкори иҷтимоии Нитсше) инкишоф ёфт, ки моҳиятан қувваҳои ҳаёти фитриро аз афкори ахлоқии мавҷуда ҷудо медонист. А. дар шакли бениҳоят бешармонаю инсонбадбинона дар идеология ва амалияи фашизм (парастиши Фюрер, ки тарафдорони худро аз «ҳаёли ботил» озод мекунад) зоҳир шуд. Моҳиятан ба А. ҳама гуна кӯшиши «барҳам додани» қоидаю қонунҳои ахлоқӣ, мас., таассубу хурофот эълон кардани виҷдон, инсондӯстӣ ва эҳтироми шахс мутааллиқ аст.

АМОРА́Т (ар. – амрдиҳанда, фармондиҳанда, ҳукмраво), 1) мулк ё давлат дар мамолики исломии Осиё ва Африка, ичунин мавзеъҳои мусулмоннишини таърихии Европа, мас., А.-и Кордова (756 – 929) ва А.-и Гранада (1228 – 1492) дар Испания, А.-и Барӣ (847 – 871) ва А.-и Ситсилия (965 – 1072) дар Италия, А.-и Тбилисӣ (736 – 1122), ки амир (ҳокими мутлақи маврусӣ) идора мекард. Сараввал А.-ҳо дар хилофати Араб ба вуҷуд ома-

данд ва ҳокимонашонро халифа таъйин мекард. Бино ба таълимоти динӣ, ҳокимияти динӣ – имомат ва ҳокимияти сиёсӣ – А. ягона буда, чудоӣ надоранд. Яъне халифаҳо – «амир-алмӯъминин» (ниг. *Амиралмӯъминин*) ҳокими ҳамаи мусулмонон мебошанд; 2) воҳиди тақсимоти маъмурӣ (вилоят) дар сохтори давлатҳои исломӣ (мас., Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ). Ниг. низ *Аморати Бухоро*. *М. Холов.*

АМОРА́ТИ БУХОРО́ (то 1753 хонигарии Бухоро), давлати феодалӣ дар Осиёи Миёна (а-ҳои 16 – ибт. а. 20). Давлате, ки аз тарафи *Шайбониён* дар асоси давлати парокандашудаи *Темуриён* ташкил ёфта, дар ох. а. 15 номи «Хонигарии Бухоро»-ро гирифт. Дар аҳди салтанати Абдуллоҳхони II (1557 – 98) хонигарӣ аз чиҳати сиёсӣ пуриқтидор ва сарзаминаш хеле васеъ гардид. Абдуллоҳхони II Балх (1573), Самарқанд (1578), Тошкент (1582), Фарғона (1583), Бадахшон (1584), Кӯлоб (1585), Хуросону Ҳироту Машҳад (1582 – 83), Хоразмро (1593 – 94) зери итоати худ дароварда, идораи марказии давлатро мустаҳкам намуд. Давлат аз Қошғар (дар Ш.) то Туркистону Сайрам (дар Шим.) ва то қисми шарқии Хуросон (дар Ҷ.) доман паҳн намуд. Дар аҳди Шайбониён Бухоро бо Ҳиндустон, Туркия, Россия савдо ва муносибатҳои дипломатиро ривоҷ дод. Пас аз вафоти Абдуллоҳхон (1598), дар натиҷаи низоъҳои дохилие, ки дар аҳди ӯ сар шуда буданд, писараш Абдулмӯъмин кушта шуд (1599) ва сулолаи Шайбониён барҳам хӯрд. Ба сари ҳокимият хонадони *Аштархониён* омад. Дар замони Аштархониён низоъҳои дохилӣ ва ҷангҳои дуру дароз бо ҳамсоягон, хусусан бо Эрон, хонигарии Хева ва қазоққо мисли пештара давом кард. Ҳаёти маданӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати таназзул буд ва таассуби динӣ ривоҷ ёфт. Агарчи дар аҳди салтанати *Имомқулихон* (1612 – 42) маориф, савдо ва ҳунармандӣ қадре пеш рафт, вале ин пешравӣ кирӣ набуд. Ох. а. 17 – авв. а. 18 муборизаи синфӣ тезу тунд шуд. Соли 1681 аҳолии Балх шӯриш бардошта, ҳокими Балх Шоҳбек-кӯкалтошро ба қатл расонданд. Дар бисёр маҳалҳои водии Зарафшон низ шӯришҳо сар заданд. Яке аз калонтарин исёнҳо с. 1708 дар Бухоро ба амал омад. Солҳои 20 – 40 а. 18 дар Кармина, Миёнколот, Шаҳрисабз ва дигар шаҳрҳо шӯришҳои зиддифеодалӣ ба амал омаданд. Соли 1723 вил. Самарқанд аз давлати Бухоро ҷудо шуд.



Дар нимаи дуюми а. 18 ва миёнаи а. 19 дар Осиёи Миёна се давлати мутамаркази феодалӣ мавҷуд буд: Бухоро, Хева ва Хӯқанд. Ғайр аз ин якчанд мулкҳои хурди мустақил ба монанди Ҳисор, Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хуҷанд, Панҷакент, инчунин Қаротегин, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон низ буданд. Муборизаи ин се хонигарӣ барои тасарруфи мулкҳои хурд ба ҷангҳои байни онҳо табдил меёфт. Дар давраи ҳукмр. Абулфайзхон (1711 – 47) муҳорибаҳои феодалӣ ва шӯришҳои халқӣ бештар гаштанд. Дар натиҷа хонигарии Бухоро суст шуда, ҳатто дар Самарқанд бо роҳбарии шаҳзодаи хоразмӣ Рачабсултон хонигарии Самарқанд ба вуҷуд омад. Амирони исёнгар Рачабсултонро бо тантана ба тахт шинонда, муборизаро бар зидди ҳукумати марказӣ, яъне Абулфайзхон аз нав оғоз карданд. Ҳокими Шаҳрисабз – Иброҳимбий, ҳокими Кармина – Абдулкарим эшикоғобошӣ ва Рачабсултон муттаҳид шуда, бар зидди Абулфайзхон бархостанд. Абулфайзхон ба Кармина лашкар кашид, вале дар наздикии Ғиждувон ва Кармина қӯшунҳои хон мағлуб шуданд. Ҷангҳои дохилӣ, парокандагии феодалӣ ва мағлубияти Абулфайзхон дар ин ҷангҳо ба ҳаёти иқтисодии хонигарии Бухоро таъсири калон расонданд. Исёнгарон қабилаҳои кӯчманчии қазоқро аз Дашти Қипчоқ ба ёрӣ даъват карданд. Қазоққо бо ҳамаи чорвою амволи худ дар водии Миёнкол то наздикиҳои Бухоро маскан гирифта, ба талаву тороҷи мардум оғоз карданд. Мардумро асир мегирифтанд, киштзору боғу полезро поймол карда, ба хӯроки чорво табдил медоданд. Ин ҷабру зулм ва талаву тороҷ ҳафт сол давом кард. Дар натиҷа, кишвари замоне ободу зебо ба харобазор табдил ёфт. Мардум ҷойҳои муқимиашонро тарк мекарданд. Аз Самарқанд то Бухоро аксари деҳот холӣ гашта, бештари мардум аз гуруснагӣ фавтиданд. Оқибат Рачабсултон вафот кард ва қазоққо дасти зулму тааддиро аз Бухоро боз доштанд. Хони Бухоро ва Ҳакимбий атолиқ баҳри ободонии мамлакат ва барқарорсозии хоҷагии халқ камари ҳиммат бастанд. Дар чунин давраи бесарусомонии сиёсӣ ва таназзули иқтисодӣ ҳуҷуми қӯшунҳои шоҳи Эрон – Нодиршоҳ ба Бухоро оғоз гардид. Ин ҳуҷум боиси таназзули давлатдории сулолаи Аштархониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи *Мангития* гардид. Солҳои 1736 – 37 писари Нодиршоҳ – Ризоқулихон бо ҳидояти падар бо қӯшуни сершуморе аз д. Аму гузашта ба ҷониби Қаршӣ рафт. Ҳокими Қаршӣ – Муҳаммад Ҳакимбий қӯшунҳои худро бо қӯшунҳои ҳокими Самарқанд Одинақулбий як карда, бо ёрии хони Хоразм Илбарс ва сардории хони Бухоро Абулфайзхон бар Ризоқулихон ғалаба карданд. Пас аз мағлубияти писари худ Нодиршоҳ с. 1740 ба Моваруннаҳр ҳуҷум карда, қисми

зиёди заминҳои хонигарии Бухороро забт кард. Соли 1745 дар хонигарии Бухоро ҷангҳои дохилӣ ва исёни мулкҳои ҷудогона афзуданд. Баҳри барқарор сохтани тартибу низом дар қаламрави хонигарӣ писари Муҳаммад Ҳакимбий – Муҳаммад Раҳимбий фиристода шуд. Тобистони с. 1747 дар наздикии Машҳад Нодиршоҳ аз дасти чияни худ – Алиқулихон ба қатл мерасад. Пас аз марги Нодиршоҳ Муҳаммад Раҳимбий дар қасди барканор кардани Абулфайзхон шуда, 26 июни 1747 ӯро дар мадрасаи Мири Араб қатл кард. Бо ин амал Муҳаммад Раҳимбий ба ҳукмр. сулолаи Аштархониён хотима гузошта, худ ҳокими комилҳуқуқи хонигарии Бухоро гашт. Бо сабаби ба авлоди чингизиён тааллуқ надоштанаш Раҳимбий унвони хониро қабул накард. Барои қонунӣ гардондани ҳокимияти худ ӯ ба тахт писари хурдсоли Абулфайзхон – Абдулмӯъминро шинонда, духтарашро ба никоҳи ӯ даровард. Дере нагузашта бо тӯҳмати духтари худ Абдулмӯъминро ба чоҳ андохта қатл намуд. Пас аз ин бародари Абдулмӯъмин – Убайдуллоро, ки кӯдаки дар гаҳвора буд, ҳоким таъйин намуд, вале дере нагузашта ӯро низ ба қатл расонд.

Соли 1753 Муҳаммад Раҳимбий (1753 – 58) бо дастгирии рӯҳониён ва намояндагони бонуфузи савдогару косибон ба сари ҳокимият омад ва ба ҳукмр. сулолаи Манғития (1753 – 1920) асос гузошт. Ӯ ба ҷои унвони «хон» унвони «амир»-ро қабул мекунад. Бо ин амалаш ӯ қайд кардан буд, ки ҳокими яке аз вилоятҳои давлати ягонаи исломӣ мебошад ва ҳокимияти хонро нисбати худ мепазирад. Пас аз ин амал касе ин унвонро ба ғайри ҳокимони хонигарии Бухоро соҳиб намешуд ва хонигарии Бухоро А. Б. номида мешавад. Солҳои ҳукмр. ӯ мубориза баҳри мутамарказ гардондани ҳокимият буда, худ давлатро ягона идора мекард, феодалони калону сардорони қабилаҳоро ба идораи давлат наздик наменомонд, ҳокимони вилоятҳоро аз наздикони худ таъйин мекард. Дар ин давра ҳаракати баъзе мулкҳои Бухорои Шарқӣ, Ӯротеппаву Хуҷанд барои мустақилият пурзӯр мешавад. Аз ин рӯ Муҳаммад Раҳимбий ба таъсиси артиши пурзӯр оғоз кард, ки асосан аз афғонҳои дар хизмати Нодиршоҳ буда иборат буд. Ӯ дар давоми ду сол бар зидди феодалҳои исёнгар мубориза бурда, онҳоро бераҳмона ҷазо медод ва дар натиҷа 92 қабилаи ӯзбекро ба худ тобеъ сохт. Муддати зиёде Муҳаммад Раҳимбий бо қувваҳои ҳарбии муттаҳидаи Ҳисор, Қубодиён, Ургут, Панҷакент ва Ӯротеппа ҷангид. Дар давоми ин ҷангҳо хусусан Панҷакент осеби зиёде дида, аксари шаҳрвандонаш қатл шуда, боқимондаро асир гирифта ба Бухоро бурданд. Муҳаммад Раҳимбий аз ин ҷангҳо фоидае надида, шахсони бонуфузи қабилаҳоро ба тарафи худ ҷалб мекунад, ба онҳо вазифаҳои олӣ ва миёна ё ваколатномаҳо медод. Дар ҳукумати Муҳаммад Раҳимбий эрониҳое, ки пас аз рафтани қӯшунҳои Нодиршоҳ боқӣ монда буданд, нуфузи калон доштанд. Муҳаммад Раҳимбий онҳоро ба вазифаҳои баланди ҳарбӣ, ҳатто вазифаҳои қушбегӣ (Давлатбий) ва қозӣ (Сайид Низомиддин) таъйин мекард. Сиёсати мутамарказонии Муҳаммад Раҳимбий ба болоравии кишоварзӣ ва каме тараққӣ намудани тиҷорат, савдо ва касбу ҳунар мусоидат кард. 13 марти 1759 Муҳаммад Раҳимбий вафот кард. Аз сабаби надоштани писар пеш аз вафот ба ҷойи худ ҷиянаш – Дониёлбийро (1758 – 85) таъйин кард. Дониёлбий писари он Худоёрбийе буд, ки вақти юриши Нодиршоҳ ба Афғонистон ба тарафи ӯ гузашта, ҳокими Кармина таъйин шуда буд. Дониёлбий унвони хониро қабул накард ва ба тахт нанишаст. Ба он набераи духтарии Раҳимбий – Фозилтӯра ибни Норбӯтабийро тавсия карда, ихтиёри ҳукуматро пурра ба дасти худ гирифт. Дар ин давра ошӯбу исёни ҳокимони вилоятҳо сар зада, аз Бухоро чанд вилоят ҷудо шуданд. Ҳокимони Ӯротеппаву Хуҷанд – Ҷиззах, Хатирчӣ, Каттакӯрғон ва Самарқандро забт намуда, мақсади ишғол кардани Бухороро доштанд. Онҳо сипоҳи бисёреро ҷамъ оварда ба самти Бухоро раҳсипор гаштанд. Дар ин давра бисёри қабилаҳои кӯчманчӣ аз сиёсати ҳукмронон норозӣ буданд ва исёнгарон онҳоро истифода намуда, мехостанд ҳокимияти манғитиёнро барҳам зананд. Бо мақсади ҳуҷум ба Бухоро онҳо дар саҳни масҷиди ҷомеъ ҷамъ омаданд. Дониёлбий нигоҳбонии Арки Бухороро пурзӯр намуда, баъзе чорабиниҳои ҳарбиро андешид ва қувваҳои исёнгаронро фалаҷ сохт. Ӯ барои бастани сулҳ ба назди исёнгарон эшони Исҳоқхӯҷаро (аз авлоди Махдуми Аъзам) фиристод. Ба даъвати сулҳ танҳо сардори қабилаи бахринҳо Ғайбуллохон гӯш намуда, дигарон ба шӯришу исён даъват мекарданд. Аз ин сабаб Дониёлбий бар зидди онҳо қӯшунҳоро равона сохта, шаҳрвандонро ба ҳифзи Бухоро даъват кард. Ба даъвати ӯ аҳолии шаҳр бархоста қӯшунҳои исёнгарро торумор сохт, аксари феодалони бонуфуз ва сардорони қабилаҳоро ба қатл расонданд.

Дар ин давра ҳокимони вилоятҳои Нурато, Кармина, Хузор ва Ӯротеппа ба шӯриш бархоста, дар водии Зарафшон қабилаҳои «ҳафт қавм» («етти уруқ») исён карданд ва дар аморат ҷангҳои дохилӣ авҷ гирифтанд. Сардори қабилаи юз Фозилбий аз Хуҷанд бархоста Ӯротеппаро ишғол кард ва ба ҷониби Самарқанд равона шуд. Ӯ Самарқандро муҳосираву забт намуд ва ҳокими онро, ки бародари Дониёлбий буд, бо ҳама хешу ақрабо асир кард. Пас аз он ба ҷониби Миёнкол ҳаракат кард ва ба қувваҳои ӯ қабилаҳои хитой-қипчоқҳо ҳамроҳ шуданд. Дониёлбий бо лашкари бис- ёре ба муқобили онҳо равона шуда ба Кармина расид. Дар ин мавзеъ гуфтушунидҳо бо исёнгарон оғоз шуданд. Исёнгарон аз тахт сарнагун кардани Фозилтӯраро талаб мекарданд. Дониёлбий ночор ба ин талаб розӣ шуда, Фозилтӯраро ҳокими Қаршӣ таъйин кард ва ӯ бо падараш – Норбӯтабий ва наздиконаш ба он ҷой равона шуд. Муборизаи бо феодалон ва исёнгарон мустаҳкам намудани ҳокимият ва пурзӯр намудани қувваҳои ҳарбиро тақозо мекард. Бо ин мақсад Дониёлбий ҳокимиятро пурра ба дасти худ гирифт. Ба ҷойи Фозилтӯра шоҳзода Абдулғозихон, набераи Абулфайзхони чингизиро ҳокими Бухоро таъйин кард. Норбӯтабий ҳанӯз вақти дар Бухоро будаанаш дар қасди ба даст овардани ҳокимият буд. Соли 1771 ӯ бо ҳамроҳии ҳокимони Шаҳрисабзу Хузор боз бар зидди Дониёлбий шӯриш бардошт. Ин шӯриш пахш карда шуда, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ҳисор ва дигар шаҳрҳо ба итоати Бухоро даромаданд. Пас аз ҳукмр. 27-сола (9 июни 1785) Дониёлбий вафот кард. Дар давраи ҳукмр. ӯ мадрасаву масҷидҳо баста шуда, ҳуҷраҳои онҳо ба анбори коҳу ғалладона мубаддал шуданд. Зулму тааддӣ ва андозҳо бар гардани мардум зиёд гаштанд. Пас аз марги Дониёлбий дар ҳамаи мавзеъҳои А. Б. исён, дар худи Бухоро шӯриши шаҳриён сар зада, ҳазорҳо нафар кушта шуданд. Вазъи сиёсии давлат рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Аз ин рӯ феодалҳои бонуфузи Бухоро писари калонии Дониёлбий – Шоҳмуродро, ки ҳокими Самарқанд буд, ба ҳокимият даъват карданд.

Соли 1785 Шоҳмурод дар унвони атолиқ ба сари ҳокимият омад. Пас аз чанде ӯ Абдулғозихонро сарнагун карда ба тахт соҳиб шуд, вале аз унвони хонӣ даст кашида, худро амир номид. Шоҳмурод дар солҳои ҳокимияташ (1785 – 1800) дар гирди худ тарафдорону шогирдонашро ҷамъ карда, мавқеи худро мустаҳкаму обрӯяшро баланд мекард. Дар ин давра заминҳои соҳили чапи д. Амуро, ки Нодиршоҳ забт карда буд, ба А. Б. ҳамроҳ кард. Инчунин ба ҳайати А. Б. қисми зиёди заминҳои Туркманистони ҳозира, ки марказаш Марв буд, шомил шуданд. Сиёсати берунии давлат низ тағйир ёфт. Акнун Шоҳмурод ба ҷанг бо Эрон тайёрӣ медид.

Аҳди салтанати амир Шоҳмурод дар таърихи сулолаи Манғития давраи нисбатан устувор гардидани А. Б. ба шумор меравад. Шоҳмурод бо мақсади бартараф намудани норизояти умумӣ, ки дар вақти ҳукмр. падараш пайдо шуда буд, ислоҳоти молиявӣ, маъмурӣ, судӣ ва ҳарбӣ ҷорӣ намуд. Вай фақат андозҳои шаръӣ – монанди хироҷ ва закотро боқӣ монда, дигар ҳамаи молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро барҳам дод, лекин ба ивази ин ҷизя – андози аз қавмҳои ғайримусулмон ситондашавандаро хеле зиёд кард. Ба ин восита ӯ рӯҳониёнро ҳомии худ карда, дар роҳи мустаҳкам намудани ҳокимияти худ аз нуфузи онҳо истифода мебурд. Ислоҳоти пулие, ки ӯ дар оғози ҷулуси худ гузаронд, барои ҳаёти иқтисодии А. Б. аҳамияти калон пайдо намуд. Хонҳои сулолаи Ҷониён ва сипас аввалин амирони манғит сиккаҳои нуқраи камиёр бароварда, аз тафовути қурби расмӣ ва амалии ин сиккаҳо фоидаи зиёд ба даст меоварданд. Шоҳмурод шакли зоҳирӣ, ҳаҷм ва вазни сиккаҳоро тағйир дода, онҳоро аз нуқраи пуриёр бароварда. Ин ислоҳоти пулӣ бар тибқи талаботи айнии иқтисодиёт ба вуқӯъ пайваста, ба ривоҷу равнақи тиҷорат мусоидат намуд. Бо мақсади афзудани иқтидори ҳокимияти марказӣ Шоҳмурод ҳокимони вилоятҳоро аз кор барканор карда, ба ҷойи онҳо ҳокимони нав, ба ҳар шаҳру деҳа қозӣ таъйин намуд. Ӯ умури маҳкамаро ба тартиб даровард, рисолае доир ба ҳуқуқ таълиф намуд, ки қозиҳо чун дастур истифода мекарданд. Тибқи он агар касе нисбати молиқияте ҷиноят содир кунад, сахттарин ҷазоро сазовор мегашт. Чунин тадбирҳо як андоза пеши роҳи ғорату торочҳоро гирифта, ба манфиати аҳолӣ буданд; барои роҳзанӣ сар аз тан ҷудо мекарданд ва барои дуздӣ дасти ростро мебуриданд. Шоҳмурод ин чорабиниҳоро таҳти парчами мубориза дар роҳи риояи аҳкоми шариат амалӣ сохта, барои назорати иҷрои онҳо мансаби махсус – раисро (мӯҳтасиб) ҷорӣ намуд. Хоҷагиҳои воҳаҳои зироатӣ, хусусан водии Зарафшон, инчунин ҳавзаи д. Аму ва Қашқадарё дубора рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Каналҳои нави обёрӣ акнун на моли феодалҳои маҳаллӣ, балки моли подшоҳӣ маҳсуб мешуданд ва аз ин амал ба хазинаи давлат маблағи муайяне дохил мегардид. Дар натиҷаи пешрафти корҳои обёрӣ раванди ба зиндагонии муқимӣ гузаштани қабилаҳои бодиянишин дар заминҳои навобод қувват гирифт.

Амир Шоҳмурод қиёфаи дарвеширо гирифта, таассуби диниро ривоҷ медод ва онро дар сиёсаташ истифода менамуд, аз ин рӯ халқ ба ӯ лақаби «Маъсум»-ро дода буд. Ӯ таҳти шиори «ҷиҳоди муқаддас бар зидди шиъаҳо» чанд маротиба ба Хуросон лашкар кашида бисёр маҳалҳоро тороҷ намуд, аҳолии қобили меҳнатро асир гирифта меовард. Ба ин восита бозори ғуломфурӯшии Бухоро хеле авҷ гирифт. Дар ох. а. 18 Шоҳмурод ба заминҳои Эрон ҳуҷум намуда, дубора Марвро ишғол кард. Пас аз чанде ӯ ба муқобили бародари худ – Умарбий, ки ҳокими Марв буд, муҳориба карда, сарбанди д. Мурғобро тамоман вайрон намуд. Аҳолии ин воҳаро ба Самарқанду Бухоро кӯчонда, дар таъмири харобаҳое, ки аз ҷангҳои пешина ба амал омада буданд, истифода бурд. Шоҳмурод инчунин ба атрофи Ӯротеппа лашкар кашида, аксари аҳолии қобили меҳнати Хуҷанд, Ӯротеппа, Хавос, Зомин ва Ёмро зӯран ба Самарқанд бурда, дар сохтмони бинову иншооти обёрӣ истифода бурд. Маҳз бо дасти ин одамон дар Самарқанд 24 масҷид ва дигар иморатҳо сохта шуданд. Амир Шоҳмурод 29 ноябри 1800 пас аз 16 соли ҳукмронӣ дар синни 61-солагӣ вафот кард. Ба ҷойи ӯ писараш Ҳайдар (1800 – 26) ба тахти аморат нишаст.

1 дек. 1800 амир Ҳайдар, ки ҳокими Қаршӣ буд, омада ба тахти аморат нишаст. Пас аз ба тахти салтанат нишастан, амир Ҳайдар бо номи худ сиккаи тиллоӣ зарб зад. Дар авв. ҳукумати амир Ҳайдар ба ҳайати А. Б. ғайри ҳудуди асосӣ (водии Зарафшону Қашқадарё) инчунин тамоми вилояти шарқии Туркманистони ҳозира бо Марв, ки дар натиҷаи юриши Шоҳмурод забт шуда буд, шомил буданд. Ғайри ин, ба А. Б. қисмати зиёди Туркистони Афғонистон, як қатор навоҳии Тоҷикистони имрӯза, аз он ҷумла Ҳисор, баъзан Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Ургут ва баъзе мулкҳои хурди кӯҳии болооби Зарафшон дохил буданд. Дар Шим. Ш. ба А. Б. ш. Туркистон бо навоҳии гирду атрофи қазоқнишинаш шомил буд. Яке аз мавзеъҳои сусталоқаманди А. Б. водии Мурғоб буд. Хонигарии Хӯқанд дар ох. чоряки якуми а. 19 Марврро ба худ тобеъ сохта, то аз ҷониби туркманҳо забт шуданаш, онро чанд даҳсолаҳо нигоҳ медошт. Дар нимаи якуми а. 19 қисми навоҳии шим. Тоҷикистони имрӯза (Конибодом, Исфара) зери ҳокимияти хонҳои Хӯқанд қарор доштанд. Солҳои авв. ҳокимияти амир Ҳайдар байни А. Б. ва хонигарии Хӯқанд мубориза барои ш-ҳои Хуҷанд, Ӯротеппа ва Нов оғоз шуд. Муборизаи бистсола барои ин шаҳрҳо бемуваффақият буд, зеро аҳолии он бар зидди истилогарон муборизаи фаъол мебурданд. Аз ин рӯ амир Ҳайдар ва Умархон маҷбуран муборизаро қатъ намуда, сулҳ бастанд. Дар замони ҳукумати амир Ҳайдар вазъияти дохилӣ ва берунии А. Б. нотинҷ буд. Аксари умарову ашроф нисбати ӯ душманӣ дошта, бар зиддаш ошӯб мебардоштанд. Вақте ки амир Шоҳмурод фавтид, қушбегӣ Ӯткурсуфӣ ва қозӣ Мирзо Фузайл дарҳол ба амир Ҳайдар, ки ҳокими Кармина буд, махфӣ хабар доданд, то тахти падарашро соҳиб шавад. Аз ин хабар бародарони Шоҳмурод – Умарбий, Маҳмудбий ва Фазлбий воқиф шуда, ошӯб бардоштанд ва ба арки Бухоро зада даромаданд. Ба ин ошӯб ҳокими Кармина Домодхӯҷа, ҳокими Шаҳрисабз Ниёзбий ва бародари амир Ҳайдар – ҳокими Самарқанд Ҳусайнбий ва ҳокими Фарғона – Умарбий ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷа аз итоати А. Б. Миёнкол, Каттақӯрғон, Шаҳрисабз ва Самарқанд баромаданд.

Соли 1804 ҳокими Урганҷ чанд маротиба ба Бухоро тохтутоз намуда, гирду атрофи онро хароб кард. Аз Урганҷ Муҳаммад Раҳимхон дар с. 1818 – 19 бо дастаи 400-нафара ба Марв ҳуҷум намуда, шаҳрро харобу ғорат кард. Соли 1804 хони Хоразм Элтузорхон ба Бухоро ҳуҷум кард. Амир Ҳайдар ба муқобили ӯ қӯшуни 20 ҳазор нафарарро бо роҳбарии Ниёзбек парвоначӣ равона сохт. Дар соҳили Амударё ҷанги шадиде ба вуқӯъ пайваста, хоразмиён шикаст

хӯрданд. Худи Элтузорхон ва қисми қӯшуни ӯ ҳалок шуда, аксари хоразмиён, аз он ҷумла се бародари ӯ асир афтоданд. Амир Ҳайдар ду бародари хонро ба дор кашида, бародари сеюм – Қутлуғмуродро бо 400 асир озод намуд ва ба Хоразм равон кард, то асли воқеаро баён кунанд. Ҳамон сол (1804) дар Марв бародари амир Ҳайдар – Насриддинбек бар зидди ӯ бархест. Амир Ҳайдар ба муқобили ӯ Ниёзбек парвоначиро равона намуд. Ниёзбек шӯришгаронро торумор намуда, дарғоти Султонободро вайрон кард. Водии Марв беоб монда, ҳамаи ҳосили зироатҳо талаф ёфтанд. Нас-риддинбек бо хонаводааш ва 1000 оилаи дигар ба Машҳад фирор карданд.

Дар он замон дар Миёнкол ду қалъаи калон – Чалаккӯрғон ва Янгиқӯрғон мавҷуд буданд ва дар атрофи он қариб 120 ҳазор оилаи қабилаҳои нимкӯчии хитойу қипчоқҳо зиндагӣ мекарданд. Тазйиқи андозҳо, мусодираҳои доимӣ, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар намудани мардони қабилаҳо аҳолии ин мавзеъро ба шӯр овард. Соли 1821 ҳукумат дубора ба сарбозгирӣ оғоз кард, ки боиси норозигии хитой-қипчоқҳо гашт ва онҳо шӯриш бардоштанд. Шӯришгарон ҳар ду қалъаро ба даст дароварда, аз ҳамқавмони худ ҳоким таъйин карданд: дар Чалаккӯрғон – Маъмур ва дар Янгиқӯрғон – Одинақулро. Онҳо ба ҳокимони Хӯқанд, Шаҳрисабз ва Урганҷ мактуб фиристода, хоҳиш намуданд, ки дар муборизаи зидди амири Бухоро онҳоро дастгирӣ намоянд. Қароқалпоқҳои сокини ин маҳал низ ба шӯришчиён ҳамроҳ шуданд. Шӯришгарон Каттақӯрғон, Чалак, Янгиқӯрғон ва дигар шаҳру деҳаҳои гирду атрофро забт намуда, ба тарафи Самарқанд ҳаракат намуданд. Амир Ҳайдар ба Каттақӯрғон ҳамла оварда, онро забт кард ва аксари аҳолиро аз дами теғ гузаронд. Шӯришгарон аз Хӯқанд, Шаҳрисабз ва дигар мулкҳои муқобили амир мадад хостанд, аммо иттифоқчиён байни худ мувофиқат ҳосил накарда, ба таври пароканда амал мекарданд. Хитой-қипчоқҳо хостанд ба Бухоро зарба зананд, вале ба ин муваффақ нашуданд. Дар охир қувваҳои асосии шӯришгарон пош хӯрда, дар ҳамин вазъият с. 1825 амир Ҳайдар муҳимтарин нуқтаҳои муқовимати шӯришчиёнро ишғол намуд. Амир Ҳайдар бо мақсади мутамарказ гардондани ҳокимият, мубориза бо душманони дохиливу берунӣ гарнизонҳои ҳарбӣ таъсис дода, артиш ва кори ҳарбиро пурзӯр кард. Барои устувории иқтисодиёти давлатӣ андозҳоро зиёд намуд (аз он ҷумла андози ҳарбии «ҷул»), корҳои бисёреро оид ба беҳтар гардондани системаи обёрӣ иҷро намуд. 6 окт. 1826 амир Ҳайдар вафот кард. Аз ӯ ҳафт писару ҳашт духтар монд. Пас аз вафоти ӯ муборизаи шадид барои ҳокимият байни се писараш: Ҳусайн, Умар ва Насруллоҳ ба вуқӯъ пайваст. Дар ин вақт Ҳусайн дар Бухоро, Умар дар Кармина ва Насруллоҳ дар Қаршӣ буданд. 9 окт. 1826 Ҳусайн ба тахти салтанат нишаст, вале пас аз 75 рӯз вафот кард. Азбаски Умар дар наздикии Бухоро (Кармина) буду Насруллоҳ дуртар (Қаршӣ), ӯ ҳамон шаб расида омада, 22 янв. 1827 ба тахт нишаст. Насруллоҳ низ ба роҳ баромада буд, лекин ин хабарро шунида боз ба Қаршӣ баргашт. Дар натиҷа, дар дарбор тарафдорони писарони амир Ҳайдар ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо шуданд. Ҳукмронии Умар низ дер давом накард. Ӯ низ пас аз 3 моҳу 6 рӯз вафот кард. 27 апр. 1827 Насруллоҳ (Ботурхон) ба тахт нишаста, иҷрои ҳама корҳои ҳукуматиро ба қушбегӣ Ҳакимбий супурд. Пас аз ҷулус амир Насруллоҳ дар давоми 6 – 7 сол бародарон, ҳамаи хешу табор ва тарафдорони онҳоро ба қатл расонд. Дар солҳои авв. салтанаташ амир Насруллоҳ то 100 нафарро қатл намуда, дар байни халқ бо лақаби «амири қассоб» («Ботурқассоб») ном баровард. Аҳолӣ аз тарс Бухороро тарк намуда ба Шаҳрисабз ё Урганҷ кӯч мебастанд.

Дар сиёсати берунӣ амир Насруллоҳ кӯшиши бо давлатҳои ҳамсоя, аз қабили Эрон, Туркия ва Россия алоқаҳои ҳасана барқарор намуданро кард. Бо ин мақсад ӯ Қобилбекбийи қарлуқро ба назди шоҳи Эрон Муҳаммадшоҳи Қоҷор ба расми сафир фиристод. Пас аз 10 рӯз Болтақулбеки Чағатойбекии қирқро ба назди султон Абдулмаҷид, халифаи Туркия фиристод. Насруллоҳ инчунин барои муттаҳидсозии мулкҳои ҷудогона мубориза мебурд. Яке аз чунин мулкҳо Шаҳрисабз буд ва Насруллоҳ соле ду маротиба кӯшиши бенатиҷаи забти Шаҳрисабз мекард. Ниҳоят дар с. 1856 дар ҳуҷуми 28-ум ба ӯ муяссар шуд, ки Шаҳрисабзро фатҳ намояд. Барои мустаҳкам намудани нуфузаш ӯ духтари ҳокими Шаҳрисабз – Кенагасхонимро ба занӣ гирифт. Амир Насруллоҳ барои мустаҳкам намудани мавқеи худ инчунин бо хонигарии Хӯқанд мубориза мебурд. Сабаби оғози ҷанг забти ш-ҳои Ҷиззах, Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов ва ғ. аз ҷониби Хӯқанд шуд. Пас аз якчанд юришҳои нобарори Насруллоҳ, байни Бухоро ва Хӯқанд сулҳи 10-сола баста шуд. Чанд сол ҷангҳо бо бартарии яке аз тарафҳо гузашта, танҳо с. 1842 хонигарии Хӯқанд пурра забт ва ҳокими он – Муҳаммадалихон қатл карда шуд. Кӯшишҳои ӯ дар бобати ба ҳайати А. Б. баргардондани мулкҳои соҳили чапи Амударё (Балх), ки ба тасарруфи амирони афғон даромада буданд, натиҷае набахшид. Пас аз он ба Ҳисору Кӯлоб ҳуҷум намуда онҳоро гирифт. Соли 1837 амир Насруллоҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронда, ба ташкил кардани қисми калони ҳарбии муназзам саъй намуд. Асоси он аз асирони рус, форсҳо ва дигарон фароҳам омада буд. Амир аз ин қисми ҳарбӣ, ки қувваи асосии зарбазанандаи қӯшуни Бухоро маҳсуб мешуд, дар вақти ҷанг васеъ истифода мекард. Насруллоҳ аз ҳар кас ва аз ҳар чиз хавф мебурд ва худаш ҳам зӯран ба ҳалокат расонда шуд. Мувофиқи баъзе ривоятҳо Кенагасхоним ҳангоми хоби амир ба гӯшаш симоб рехтааст. Амир аз дарди ҷонкоҳ бедор шуда пеш аз марг фармудааст, ки он зан ва ҳамаи бачаҳои вайро кушта ба чоҳ партоянд.

Пас аз марги Насруллоҳ сент. 1860 ба ҷойи ӯ писараш Музаффар ба тахт нишаст. Сайид амир Музаффар Баҳодурхон писари ягонаи амир Насруллоҳ буда, тақр. с-ҳои 1824 ё 1825 таваллуд шудааст. Падараш аз тарси ғасби тахт аз ҷониби писараш ӯро аз хурдӣ ба Қаршӣ равона карда буд ва дар 20-солагиаш Музаффарро ҳокими Кармина таъйин кард, ки то марги падар дар ин вазифа буд. Амир Музаффар 23 сент. 1860 ба тахти А. Б. нишаст. Дар ду-се соли аввал, яъне зимистони с. 1862 – 63 ба Деҳнаву Ҳисор ҳуҷум карда онҳоро гирифт ва аҳолии бисёреро қатл кард. Ҳокими Ҳисор Абдулкаримбий девонбегӣ бо писаронаш ба Кӯлоб гурехт. Амир Музаффар аз авв. музофоти Ҳисор то д. Вахш 10 – 15 ҳазор фуқароро бе чиноята ба қатл расонд. Амир Музаффар д. Вахшро гузашта ба ҳокими Кӯлоб Сарахон мактуб навишт ва талаб кард, ки Абдулкаримбийро бо тобеонаш фиристад. Сарахон аз тарси он, ки агар нафиристад, амир Музаффар ба сари вай меояд, ночор ҳамаро фиристод. Амир Музаффар ҳамаи онҳоро қатл кард. Пас аз якчанд сол вазъи сиёсии А. Б. муташаннич шуд. Яке аз сабабҳо он аст, ки кенагасҳо

дар Шаҳрисабз иттифоқ карда, онро аз дасти Ашӯрбекбий гирифтанд ва Ҳакимбеки очамилиро ҳоким таъйин карданд. Ба зудӣ вил. Китобро низ аз дасти Зокирбекбий гирифта, Ҷӯрабекро ҳоким монданд. Амир Музаффар бо лашкараш 2 моҳ Шаҳрисабзро дар муҳосира нигоҳ дошт, вале ғалаба накарда сулҳ баст ва ба Бухоро бозгашт. Сабаби дуюм – ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ ба А. Б. буд. 17 июни 1865 генерали рус Черняев ш. Тошкандро забт кард. Моҳи сент. генерал-губернатори Оренбург бо мақсади аз нуфузи Хӯқанду Бухоро озод нигоҳ доштан, Тошкандро мулки мустақил эълон кард, вале он замон ҷангҳои байни Бухорову Хӯқанд давом мекард. Амир Музаффар пас аз забти Ҳуҷанд ба сӯи Хӯқанд ҳаракат карда, аз сарварони қӯшунҳои рус талаб намуд, ки Тошкандро ба ихтиёри ӯ монда, худ аз шаҳр баромада раванд. Ҳукумати подшоҳии Россия ин талаби Музаффархонро ба эътибор гирифта, окт. 1865 ба таври расмӣ Тошкандро ба ҳайати Россия дохил кард.

Аввалин муҳорибаи Россия ва А. Б. барои Ҷиззах буд, ки он истеҳкоми мустаҳками мулки Бухоро ба ҳисоб мерафт. Омодагии амир Музаффар ҳанӯз ба ҷанг давом дошт, ки теъдоди нисбатан хурди қӯшунҳои рус иборат аз 14 ротаи пиёдагард, 600 нафар казакҳо ва 16 адад тӯп янв. 1866 бо роҳбарии генерал Черняев ба Ҷиззах расиданд. Дар натиҷа, дар Ҷиззах ва атрофи он муҳорибаҳои шадид ба вуқӯъ омада, нафарони бисёре куштаву захмӣ гаштанд. Дар ин муҳориба муҳофизони қалъа бо сарварии Қиянҳоҷа тӯқсабо мардонагӣ нишон доданд. Онҳо аз қалъа баромада, дар майдон бо сарбозони рус ҷангиданд ва русҳо маҷбур шуданд рӯ ба гурез ниҳанд. Ғалаба дар ҷанги якуми Ҷиззах бухориёнро хеле рӯҳбаланд кард. Амир Музаффар бо мақсади идомаи ғалаба бо қувваи бисёр дар Ҷиззах ҳозир шуда, дар мавзеи Сассиққӯл маскан гирифт. Аз ин ҷо як қисми сарбозони амир ба сӯи Чирчиқ, қисми дигар ба сӯи қалъаи Чордара фиристода шуданд. 8 майи 1866 дар Майдаюлғун ё худ Эрҷор (дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд) байни қӯшунҳои рус бо роҳбарии генерал Д. И. Романовский ва А. Б. ҷангҳои шадид ба вуҷуд омаданд, ки бо ғалабаи русҳо анҷом ёфт. Амир Музаффар бо наздиконаш аз майдони ҷанг ба ҷониби Самарқанд гурехт. Барои қӯшунҳои рус баъди ин ғалаба роҳ ба сӯи Хуҷанд кушода шуд. Шаби 19 ба 20 майи 1866 онҳо ба Хуҷанд наздик шуда, аз 18 тӯп ва 8 мортир шаҳрро тирборон карданд. Пагоҳии 21 май муҳосираи шаҳр оғоз ёфт, вале бо сабаби муқобилияти сахти муҳофизони шаҳр русҳо ба шаҳр дохил шуда натавонистанд. Сипас русҳо шаҳрро се шабонарӯзи дигар мунтазам тирборон намуда, 24 майи 1866 онро ишғол намуданд. Дар ин ҷанг 2,5 ҳазор нафар муҳофизони шаҳр ба ҳалокат расиданд. 28 майи 1866 Нов аз ҷониби қӯшунҳои рус забт гардид. Пас аз ин ҷангҳо ва забти Хуҷанду Нов сарфармондеҳи қӯшунҳои рус умед дошт, ки амири Бухоро аз ҷангҳои нав даст кашида, худро мағлуб меҳисобад, аммо чунин нашуд ва амир Музаффар ба ҷангҳои нав тайёрӣ медид. Русҳо аз ин воқиф гашта, амалиёти забткоронаи худро давом доданд. 1 окт. 1866 русҳо Ӯротеппаро муҳосира ва 2 окт. онро забт карданд. Талафоти ҷонии муҳофизони шаҳр хеле бузург буд. 11 окт. 1866 аз ҷониби қӯшунҳои рус муҳосираи нави Ҷиззах оғоз шуд. Шумораи муҳофизони қалъа тақр. то 10 ҳазор нафарро ташкил медод. Аз ин сабаб барои қалъа 7 рӯз ҷангҳои шадид давом кард. Русҳо пеши обро баста, муҳофизонро аз таъминоти об маҳрум карданд. Ниҳоят, 18 окт. 1866 қалъаи вайрона бо бештар аз 2,5 ҳазор қурбоншудагон ва маҷрӯҳони бисёр насиби русҳо шуд. Пас аз мағлубияти Ҷиззах қувваҳои зиддирусӣ дар Янгиқӯрғон ҷамъ шуданд, ки дар байни онҳо на танҳо сарбозони амир, балки отрядҳои собиқ бекҳои Ӯротеппа, Ҷиззах, дастаи туркманҳо, афғонҳо низ буданд. Вале дар муҳорибаи Янгиқӯрғон қӯшунҳои рус бо сарварии генерал А. К. Абрамов ғалаба карданд.

Соли 1867 аз ҳисоби мулкҳои забтшудаи хонигарии Хӯқанд ва А. Б. ҳукуматдорони рус генерал-губернатории Туркистонро таъсис дода, ба сарварии он генерал-адъютант К. П. Кауфманро таъ- йин карданд. Мулкҳои забтшудаи Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззах ва ғ. акнун ба вил. Сирдарёи ҳамин генерал-губернатории Туркистон шомил мешуданд. Мақсади Кауфман идомаи амалиёти забткорона ва таслим намудани А. Б. буд. Дар ин вақт вазъи дохилии Самарқанд ноором ва мураккаб буд, ки диққати русҳоро ба худ ҷалб кард. 1 майи 1868 дар баландии Чӯпонатои наздикии Самарқанд муҳорибаи шадид байни қӯшунҳои рус ва А. Б. ба вуқӯъ омад. Шумораи артиши А. Б. назар ба русҳо зиёд бошад ҳам (аз рӯи баъзе маълумотҳо тақр. 100 ҳазор нафар), аммо аз ҷиҳати таҷрибаи ҳарбӣ ва аслиҳа касод буданд. Дар натиҷа, ин муҳориба ҳам боиси мағлубият ва талафоти калони артиши А. Б. гардид. Мағлубият дар муҳорибаи Чӯпонато тақдири Самарқандро ҳал кард. Аҳолии шаҳр бо сарварони худ пагоҳии 2 майи 1868 дарвозаи шаҳрро ба рӯи русҳо кушоданд. 3 май ин хабар ба амир Музаффар расид ва ӯ аз хашм қосидро қатл кард. Дар чунин вазъият гуфтушуниди намояндагии Россия ва А. Б. оид ба масъалаи тиҷорат идома дошта, 11 майи 1868 бо имзои шартномаи иборат аз шаш банд анҷом ёфт. Мувофиқи он дар қаламрави А. Б. ба тоҷирони рус имконияти васеъ барои тиҷорат дода мешуд. Имзои шартномаи тиҷоратӣ идомаи ҷанги Россия ва А. Б.-ро монеъ нашуд. Артиши рус 12 май Ургут ва 18 майи 1868 Каттақӯрғонро ишғол кард. Муҳорибаҳо нишон доданд, ки қӯшунҳои А. Б. ба қӯшунҳои рус муқобилият нишон дода наметавонанд. Амир Музаффар чунин вазъиятро эҳсос намуда ба имзои шартномаи пешниҳодкардаи Кауфман розӣ шуд. Лекин дар А. Б. бисёриҳо ба имзои чунин шартнома зид буданд ва аз амир талаб мекарданд, ки ҷангро бо русҳо давом диҳад. Амир Музаффар ноилоҷ ҳамаи қуввaҳояшро дар наздикии Зирабулоқ ҷамъ намуд. 2 июни 1868 дар ин мавзеъ муҳорибаи сахттарин ва охирини А. Б. бо Россия ба вуқӯъ омад. Қӯшунҳои амир бештар аз 1500 нафарро талаф дода мағлуб шуданд. Қӯшунҳои рус пас аз ғалаба дар Зирабулоқ боз ба Самарқанд баргаштанд, зеро он ҷо ҳанӯз 1 июни 1868 шӯриши зидди русҳо ба амал омада буд. Шӯришгарон шаҳрро ба даст дароварда, намояндагони Россия ва тарафдорони онҳоро қатл карданд. Ба онҳо ҳокимони Китоб ва Шаҳрисабз ҳамроҳ шуданд. Қӯшунҳои рус ба шаҳр ҳуҷум карданд. Шӯришгарон 7 рӯз ба қӯшунҳои рус муқобилияти сахт нишон доданд. 8 июни 1868 шӯриши Самарқанд бо ваҳшоният пахш карда шуд. Пас аз ин ҳодисаҳо амир Музаффар намояндаи худро барои имзои шартнома ба Самарқанд фиристод. 23 июни 1868 шартномаи байни Россия ва А. Б. имзо шуд, ки мувофиқи он А. Б. вазифадор шуд аз заминҳои русҳо забтнамуда (бо ш-ҳои Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд, Каттақӯрғон) ба фоидаи Россия даст кашад; ба Россия 125 ҳазор тангаи тилло (500 ҳазор рубли

русӣ) товони ҷанг диҳад; дар ҳудуди А. Б. хати телеграф гузаронад; ба тоҷирони Россия ҳуқуқи озодона савдо карданро диҳад; дар Амударё ба киштигардии Россия мамониат накунад; ғуломдориро дар ҳудуди худ манъ намояд ва ғ. Боз мувофиқи он амир бо дигар давлатҳо мустақилона муносибат карда наметавонист. Ин шартнома пас аз имзои тарафайн барои тасдиқ ба подшоҳи Россия Александри II фиристода шуд, лекин подшоҳ бо сабабҳои сиёсиву иқтисодӣ онро тасдиқ накард. Пас аз имзои шартнома ваъзият дар А. Б. боз ҳам мураккаб гардид. Ашхоси норозӣ дар атрофи писари калони амир Музаффар – Абдумаликтӯра (Каттатӯра) дар Қаршӣ ҷамъ шуда ӯро амир эълон карданд. Ба онҳо ҳокимони Китобу Шаҳрисабз низ бо дастаҳои худ ҳамроҳ шуданд. Амир Музаффар барои ёрӣ ба Россия мурочиат намуд. Ҳукумати Россия манфиатҳои худро ба назар гирифта ба таклифи Музаффар розӣ шуд ва барои пахш намудани шӯриш генерал А. К. *Абрамов*ро фиристод. 27 окт. 1870 Қаршӣ аз ҷониби қӯшуни русҳо забт шуда, қисми қӯшун ш-ҳои Шаҳрисабзу Китобро низ гирифта ба А. Б. баргардонданд.

Баҳори с. 1870 ҳукумати Россия барои тобеъ намудани мулкҳои ниммустақили болооби Зарафшон (Кӯҳистон) экспедитсия ташкил намуд. Қӯшуни рус бо сарварии генерал А. К. Абрамов дар ин мавзеъ ҷангҳои шадид намуда, дар охир онҳоро забт карданд. Аз ҳисоби мулкҳои забтшуда «Туманҳои Кӯҳистон» ташкил ва ба музофоти Зарафшон ҳамроҳ карда шуд.

28 сент. 1873 дар Шаҳрисабз байни Россия ва А. Б. шартномаи нав имзо шуд, ки бо номи «шартномаи дӯстӣ» машҳур гашта аз 18 банд иборат буд. Ин шартнома аз тарафи подшоҳи Россия тасдиқ гардида ҳамчун ҳуҷҷати асосии ҳуқуқии байни А. Б. ва Россия то с. 1917 амал мекард. Дар А. Б. ба монанди Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва дигар мулкҳое буданд, ки ҳокимонашон худро мустақил ҳисобида, ба амир сар намефаровардан. Амир Музафарро мағлубият аз Россия дар амалиётҳои ҷангии с. 1866 ва мулкҳои аз даст додааш (Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов, Ҷиззах, Самарқанд, Каттақӯрғон) ором намегузошт. Ҷойи онҳоро мехост аз ҳисоби мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кунад. Амир Музаффар с. 1870 бори дуюм ба Ҳисор лашкар кашид. Дар ин сафар қӯшунҳои амир аввал қуввахои ҳарбии беки Шеробод – Остонақулбекбий ва ҳокими нави Деҳнав – Улуғбекро шикаст дода, ба Ҳисор наздик шуданд. Дар натиҷаи ҷангҳо шумораи қатлшудагон бештар аз 5 ҳазор нафарро ташкил дода, водӣ ба харобазор табдил дода шуд. Худи ҳамон сол амир барои забти Кӯлоб дастаҳои худро бо роҳбарии Яъқуббеки қушбегӣ фиристод. Ҳокими Кӯлоб – Сарахон ба Афғонистон гурехт. Дар натиҷа, Яъқуббек бе муҳориба мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа ва Қубодиёнро гирифт. Амалиёти минбаъдаи қӯшунҳои А. Б. барои забти Қаротегину Дарвоз нигаронда шуда буд. Аз с. 1870 то 1876 ҳокими Қаротегин Раҳимхон (писари бародари калони амир Музаффар – Муқимхон) буд ва ӯ тарафдори мустақилии он ба ҳисоб мерафт. Амир Музаффар с. 1876 Раҳимхонро ба Бухоро даъват карда, ба ҷойи ӯ амакбачаи Раҳимхон – Саидхонро фиристод. Саидхон ба амир содиқ ва тарафдори тобеияти Қаротегин ба Бухоро буд. Мардуми Қаротегин Саидхонро қабул накарда, аз амир бозгардондани Раҳимхонро талаб карданд. Саркашии мардуми Қаротегин боиси воҳимаву ташвиши амир Музаффар гардид. Губернатори ҳарбии Фарғона генерал Скобелев вазъиятро пай бурда, ба сӯи Қаротегину Бадахшон фиристодани экспедитсияи махсусро тезонд. Ин экспедитсия авг. 1876 оғоз шуд ва мақсад нишон додани иқтидори ҳарбии Россия буд. Бо мақсади рӯйпӯш намудани ниятҳои худ, ҳарбиён дар қатори худ олимон Л. Ф. Костенко, В. Ф. Ошанин ва дигаронро шомил карда буданд. Амир Музаффар аз ин амал рӯҳбаланд гардида, с. 1877 Саидхонро ба Бухоро даъват кард, худи ҳамон сол Раҳимхонро нобуд сохт ва ба Қаротегин Худойназар атолиқро ҳоким таъйин кард. Дар натиҷаи ин амалиёт мулки Қаротегин бе ҷанг ба ҳайати А. Б. дохил карда шуд. Пас аз ин навбати Дарвоз омад. Беки Қаротегин Худойназар с. 1877 бори якум ба Дарвоз бо 150 сарбоз лашкар кашид, лекин шикаст хӯрд. Худойназар бо роҳи фиреб шоҳи Дарвоз Сироҷиддинхонро ба Шаҳрисабз, гӯё ба мулоқоти амир Музаффар фиристода, дар он ҷо ӯро асир кард. Мардуми Дарвоз ба ғазаб омада лашкари тақр. 1,5-ҳазораи Худойназарро торумор карданд. Баҳори 1878 амир Музаффар қувваи бисёреро бо сарварии Худойназар ба Дарвоз фирис тод. Онҳо аввал қалъаи мустаҳками Кафтархона, сипас Қалъаи Хумбро забт намуда, мулки Дарвозро низ ба тобеияти А. Б. даровардан. Барои идораи мулкҳои Бухорои Шарқӣ онҳоро ба бекигариҳо тақсим намуда, ба онҳо шахсони наздики амирро таъйин карданд. Дар ох. а. 19 ба А. Б. бекигариҳои зерини Бухорои Шарқӣ шомил буданд: Балҷувон, Бойсун, Дарвоз, Деҳнав, Кӯлоб, Қаротегин, Қубодиён, Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Шеробод, Юрчӣ.

Ишғол ва ҳамроҳ шудани А. Б. ба Россия аҳамияти пешқадамонаи таърихӣ дошт. Дар натиҷа аҳолии Осиёи Миёна бо маҳсулоти нави фабрикавию заводии пешрафта ошно шуд. Аз Россия самараҳои техникии замони нав аз қабили роҳи оҳан, поезд, телеграф, почта, аробаҳои сохти нав ва ғ. ворид шуданд. Россия дар А. Б. шаҳру маҳаллаҳо, иншоот, мактабҳои типи нав месохт, кӯчаҳои Бухороро васеъ мекард, бо шартномаи махсус ғуломфурӯшию мардумфурӯширо манъ кард. Соли 1881 амир Музаффар ордени аввалини Бухоро – «*Нишони дор-ус-салтанаи Бухорои Шариф*»-ро таъсис дод. Дар замони ҳукмр. амир Музаффар андозҳои нав ҷорӣ шуда, ғорати мардум ба авҷи аълояш расид. Дар қатори хирочу закоту андозҳои расмӣ қозикалони Бухоро Садриддин андози нав бо номи «аминона» ҷорӣ кард. Ин андоз аз савдову тиҷорат ва андози дигар – «хасбур» аз зироатҳои кишоварзӣ ситонда мешуд. Дар натиҷа, норозигии мардум зиёд шуда дар маҳалҳо шӯришҳои халқӣ сар мезаданд. Июли 1870 дар бекигарии Балҷувон шӯриши деҳқонон барои ситондани «амонпулӣ» ва андозҳои дигар сар зад, ки дар он тақр. 2000 нафар иштирок карданд. Ин шӯриш исёни аввалини халқӣ ба муқобили зулми амир ғайримуташаккил ва бенизом буд, аз ин рӯ он пахш карда шуд. Соли 1885 дар амлокдории Мӯъминободи бекигарии Кӯлоб низ шӯриши деҳқонон барои аз ҳад зиёд гирифтани андоз сар зад, вале он низ пахш карда шуд. Дар ох. с. 1885 – авв. 1886 мардумони амлокдории Сарипули Ёхсуи бекигарии Балҷувон низ исён бардоштанд. Сабаби он маротибаи дуюм ситондани закот буд. Шӯриш ба зудӣ аз ҷониби бек бо сӯзондани якчанд деҳа ва ба Бухоро фиристодани якчанд сардорони он пахш карда шуд. Ин шӯришҳо муқаддимаи шӯриши бузурги асосии

бекиҳои Кӯлобу Балҷувон – *Шӯриши Восеъ* буданд. Мардуми атрофи Ховалинг аз супурдани андозҳои зиёд саркашӣ намуданд. Закотчӣ аз бекии Балҷувон ёрӣ гирифта, хост ба зӯрӣ андозҳоро ситонад, вале дар задухӯрд кушта мешавад. Соли 1888 деҳқонони исёнбардошта Восеъро сардори худ интихоб мекунанд. Шӯришгарон қалъаи Балҷувонро гирифта, зиндониёнро озод, анбору хазина ва аслиҳахонаи бекро ғорат намуданд. Шӯришгарон Кангурту Тутқавулро гирифта, кӯпруки Пули Сангини д. Вахшро вайрон карданд. Аз Бухоро амир дастаи ҳазорнафараи аскаронро бо тӯпҳо фиристод. Дар ҷангҳо аз ҷумлаи шӯришгарон мардуми зиёде кушта шуда, Восеъ бо як гурӯҳи хурди тарафдоронаш ба мавзеи дурдасти Ховалинг – Сарипул гурехт. Қушбегӣ Остонақул дӯсти Восеъ – Маҳмадалиро ба хиёнат водор намуд. Ӯ Восеъ ва 12 тарафдоронашро бо роҳи фиреб ба мавзеи Буздара бурд. Аскарони амир, ки дар камин буданд, дӯстони Восеъро кушта, худи ӯро асир карда ба назди амир, ба Шаҳрисабз фиристоданд.

Дар с-ҳои 80 а. 19 дар А. Б. касалии вабо сар зад, ки аксари аҳолӣ талаф шуданд. Авг. 1885 ҳангоми сафари анъанавии худ амир Музаффар дар Қаршӣ ба касалии вабо гирифтор шуд ва сафарашро қатъ намуда ба Бухоро баргашт. Ӯ дар қароргоҳи худ – Ширбадан қариб ду моҳ табобат кард, лекин 28 сент. ҳамон сол касалӣ боз аз нав хурӯҷ кард. Субҳи 31 окт. 1885 амир Музаффар аз олам чашм пӯшид. Пас аз марги амир Музаффар ба тахту тоҷи аморати Бухоро вориcони бисёре талабгор буданд. Дар авв. ноябри 1885 Абдулаҳад аз марги падараш – амир Музаффар хабардор шуда аз Кармина бо ҳамроҳии ҳазор савора ба ш. Бухоро равона шуд. Дар роҳ ӯ бо намояндаи ҳукумати Россия генерал-лейтенант Анненков вомехӯрад, ки он дастгирии ҳукумати Россияро дар ҳолати ба вуқӯъ омадани ягон ҳолати ғайричашмдошт тасдиқ мекунад. 17 ноябри 1885 дар Арки Бухоро маросими ба маснади амирӣ нишастани ӯ баргузор мегардад. Якду соли аввали ҳокимият Абдулаҳад кӯшиши тартибу низом ҷорӣ кардан дар корҳои А. Б.-ро кард. Вале баъдтар аз ин кор даст кашида, ҳамон ғорату торочи мардум, андозҳои зиёдатӣ, беназмию бенизомӣ дар корҳои давлат идома ёфт. Даҳ соли аввали ҳукмрониаш амир Абдулаҳад дар Бухоро мезист. Нисфи сол ӯ дар шаҳр мемонд, фасли зимистон ба якчанд моҳ ба Шаҳрисабзу Қаршӣ мерафт, тобистон бошад (июн, июл) дар Кармина иқомат мекард. Ҳангоми ба Бухоро баргаштан ӯ, одатан, дар арк намезисту ба қароргоҳи берунаи худ – Ширбадан мерафт. Ҳукумати Россия ба корҳои А. Б. даҳолат карда аз амир гузарондани ислоҳотҳоро талаб мекунад. Амир Абдулаҳад бо рӯҳониён доир ба ин масъала машварат мекунад, вале онҳо розӣ намешаванд. Соли 1894 муносибати амир бо рӯҳониён вайрон шуда, ӯ барои зисти доимӣ ба Кармина меравад ва то охири умраш дигар ба Бухоро барнамегардад. А. Б.-ро қозикалон – мулло Бадриддин идора мекард.

Пас аз он дар А. Б. бисёр дигаргуниҳои муҳим дар ҳаёти сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ ба амал омаданд. Ба азобу шиканҷаи маҳбусон хотима дода мешавад ва ҳукми қатл кам, яке аз намудҳои мудҳиши он – сарозер намудан аз манораи баландтарини Бухоро – Манори Калон манъ карда шуд. Дар ин давра коркарди саноатии канданиҳои фоиданок аз қабили мис, оҳан ва тилло оғоз меёбад. Махсус барои баровардани ашёи хом ба Россия с. 1887 роҳи оҳан то Бухорои Нав (Когон) оварда шуда, дар Амударё кӯпруки оҳанӣ сохта мешавад. Хатҳои р. о.-и Чорҷӯй- – Самарқанд (1900 – 1901) сохта ва телеграф кашида мешаванд, савдову тиҷорат ривоҷ равнақ меёбад. Худи амир Абдулаҳад дар тиҷорати пӯсти қароқулӣ рағбати зиёд дошта, аз рӯи ҳачми савдои ин ашёи пурқимат дар бозори ҷаҳонӣ дар ҷои сеюм меистод. Амир Абдулаҳад ба артиши аморат аҳамияти хосса медод. Тибқи қарори Ҳукумати Россия интиқоли аслиҳаву яроқи ҳарбӣ ба Бухоро кам карда шуда буд, лекин амир барои сарбозони худ ғайрирасмӣ яроқро ба воситаи тоҷирони рус мехарид.

Дар замони ҳукмр. амир Музаффар ва Абдулаҳад дар аксари мансабҳои калони А. Б. эрониёни шиъамазҳаб буданд. 22 янв. 1910 бо баҳонае шӯриши муллоёни суннимазҳаб ба муқобили шиъамазҳабҳо сар зад. Исёнгарон эрониҳоюмарвиҳои ба дасташон афтодаро мекушанд. Рӯзи дигар аз мавзеи Зирабод эрониҳо ба ёрии ҳамшаҳриҳояшон ба Бухоро меоянд. Байни муллоёну эрониён ҷанги сахт рух дода, то 26 янв. 1910 идома ёфт. Дар натиҷа, Остонақул қушбегии эронӣ аз вазифа озод ва ба ҷойи ӯ Насруллоҳбийи бухорӣ қушбегӣ таъйин шуда, масъалаи асосии низоъ ҳалли худро ёфт. Пас аз марги амир Абдулаҳад писараш Олимхон (Тӯраҷон) 11 янв. 1911 ба тахти салтанати маврусӣ нишаст.

Дар замони ҳукмр. амир Олимхон А. Б. ба 28 бекигарӣ тақсим мешуд: Зиёуддин, Нурато, Қарокӯл, Қабоқӯлӣ, Чаҳорҷӯй, Кармина, Хатирчӣ, Чироқчӣ, Қаршӣ (Насаф), Шеробод, Норазм, Саричӯй (Сари Осиё), Каркӣ, Бурдолиқ, Келиф, Шаҳрисабз, Яккабоғ, Китоб, Ғузор, Қаротегин, Бойсун, Ҳисор, Деҳнав, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Балҷувон, Кӯлоб, Дарвоз. Дар ҳуҷҷатҳои бойгонии советӣ қайд карда мешавад, ки А. Б. ба 26 вилоят ва 10 тумон: Мазор, Харгӯш, Хутфар (Зандане), Сомҷин (Рометан), Коми Абумуслим (Ваганза), Харқонрӯд (Ғиждувон), Қарокӯл, Хайробод (Қароқунғурот), Комот (Вобканд), Пирмаст (Шофирком) тақсим шуда, ба онҳо 125 амлокдорӣ, 250 мавзеъ, 4969 масҷид ва зиёда аз 10 ҳазор нуқтаҳои аҳолинишин шомил буданд. Ду тумони дигар дар ҳудуди ш. Бухоро ҷойгир буданд (Ҷанубирӯд ва Шимолирӯд).

Таърихнигор ва ҷуғрофидони тоҷики а. 19 – Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ раияи А. Б.-ро дар «Таърихи ҳумоюн» «ду милюну ҳашт лаку сиву шаш ҳазору ҳаштсад (2836800) хонавор» ва нуфуси онро «ҳафт милюну чаҳор лаку бисту як ҳазор (7421000)» муайян кардааст.

Сарватҳои табиии А. Б. асосан тилло, нуқра, сурб, мис, оҳан буда, тиҷорати пӯст, пашм ва абрешиму қолин содироти муҳимтарини мамлакатро ташкил медоданд. Мевачоти Бухоро шӯхрати зиёд доштанд. Аспҳои Бухоро, махсусан нажоди «қарабойир» дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) аҳамияти худро собит карданд ва амири Бухоро чанд ҳазор сар ба давлати Россия дод. Галаҳои гӯсфанд, буз ва аспу шутур низ бисёр буданд.

Пас аз ба тахт нишастан амир Олимхон фармони «ислоҳот» баровард, ки он аз 4 модда иборат буд: мамнӯъ шудани тортуқ ва пешкашҳои дарборӣ; таъйини фарсахпулӣ; 1/10 ҳисса кам шудани ҳиссатулхарҷи заминҳо; зиёд шудани маоши хизматчиёни дарбор. Ин фармон гӯё барои ислоҳоти ҳукумат ва некӯаҳволии мардум равона шуда буд, лекин дар асл ҳеҷ фоида ва қимати амалӣ надошт. Кори дигаре, ки Олимхон дар авв. подшоҳиаш кард, бинои мадрасаи нав – «Мадрасаи олӣ» буд. Мадраса бо талаби ҷадидон, ки ислоҳоти мактабу мад-

расаро мекарданд, бино карда шуд. Гарчанде дар барномаи он илмҳои ҷадид ҷорӣ карданд, вале мадраса натавонист, ки назару диққати ягон гурӯҳеро ба худ ҷалб намояд.

Дар ибт. а. 20 шӯришҳои зиддиҳукуматӣ ниҳоят шиддат гирифтанд, ки сабабҳои он истисмори феодалӣ ва зулму асорати андозҳо буд. Соли 1900 шӯриш дар бекигарии Калиф, 1901 дар Деҳнав ва 1902 дар Қӯрғонтеппа ба амал омад. Пас аз инқилоби с-ҳои 1905 – 07 дар Россия, дар А. Б. низ шӯришу ошӯбҳои камбағалони деҳот ва корпартоиҳои роҳиоҳанчиён зиёд шуданд. Дар ш-ҳои саноатии А. Б. ячейкаҳои ташкилоти сотсиал-демократии Туркистон, баъдтар болшевикӣ созмон дода мешуданд. Ноябри 1905 дар 9 з-ди пахтатозакунии Бухорои Нав корпартоӣ шуда, с. 1906 шӯриши яроқноки роҳиоҳанчиён ба амал омад. 25 – 27 дек. 1905 дар Хуҷанд дар ротаи понтонӣ шӯриши аскарон сар зад. Соли 1905 дар Ҳоит ва 1908 дар Қалъаи Лабиоб зидди ҳокимони Қаротегин ошӯб хест. Тирамоҳи 1907 дар Ҳисор мардум ба шӯр омад, с. 1908 дар деҳаҳои Ғузн (Мастчоҳ) ва Қараянтоқ (Ӯротеппа)-и уезди Самарқанд аҳолӣ ба маъмурони маъмурияти подшоҳӣ дарафтоданд, февр. 1910 мардуми Кӯлоб шӯриш бардошт.

Дар охири а. 19 – авв. а. 20 дар А. Б. ҳаракати ҷадидия ҳамчун ҷараёни фарҳангию маърифатӣ, баъдтар ҳамчун ҷараёни иҷтимоиву сиёсии ислоҳотхоҳона ба вуҷуд омад. Дар давраи ҳукумати амир Олимхон мактабҳои усули нав ташкил шуда, 11 марти 1912 аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ «Бухорои Шариф» нашр гардид.

Соли 1910 мавҷи муборизаи синфӣ баланд шуд. Дар вулуси Конибодом коргарони кони нефти «САНТО», инчунин ангиштканони Сулукта корпартоӣ карданд. Соли 1912 дар вулуси Нов деҳқонони қарздор ба ҳавлии судхӯрон ҳамла намуда, васиқаҳои қарзашонро сӯзонданд. 4 июли 1916 дар Хуҷанд шӯриши мусаллаҳона бар зидди намояндагони подшоҳ, ки мардикоронро ба корҳои ақибгоҳӣ сафарбар мекарданд, сар шуд. Дар А. Б. ҳам шӯру ошӯбҳо аз ибт. 1916 сар шуданд, алалхусус дар Китоб, Шаҳрисабз, Яккабоғ ва Чироқчӣ вусъат ёфтанд. Махсусан деҳқононе ба шӯр омаданд, ки амир барои сохтани р. о.-и Бухоро – Тирмиз зӯран сафарбар карда буд. Пас аз инқилоби февралии Россия дар с. 1917 амир Олимхон дар А. Б. ба ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ оғоз карда, лоиҳаи он 7 апр. 1917 эълон карда шуд. Лекин ин ислоҳот ба мардум фоидае наовард. Ҷавонбухориёне, ки ба дастгирии ислоҳот ба майдон баромада буданд, аз тарафи ҳукумати амирӣ пароканда карда шуданд. 8 – 9 апр. қариб 150 нафари (аз он ҷумла С. Айнӣ) онҳо ҳабс ва ба ҷазоҳои гуногун кашида шуданд.

28 февр. 1918 бо имзои сарвари ҳукумати Туркистони Советӣ Ф. И. Колесов ва раиси Комиҷроияи Ҳизби ҷавонбухориён Ф. Хоҷаев ба номи амир Олимхон таҳдиднома (ултиматум) фиристода шуд. Дар он талаб карда мешуд, ки ӯ дар муддати 24 соат ҳукуматашро пароканда намуда, идоракунии мамлакатро ба ихтиёри Ҳукумати нав, аз ҷумлаи ҷавонбухориён супорад. 1 март амир ба таҳдиднома ҷавоб гардонд, вале барои ташкили ҳокимият розӣ нашуд. Дар натиҷа 2 марти 1918 ҷанги байни қӯшунҳои Колесов ва амир Олимхон сар шуд, ки дар таърих бо номи «Таҷовузи Колесов» машҳур гашт. 28 марти 1918 дар Қизилтеппа байни А. Б. ва Туркистони Советӣ сулҳ имзо гардид. Авг. – авв. сент. 1920 қисмҳои низомии Армияи Сурх ба Бухоро ҳуҷум намуда, 2 сент. муҳосираи панҷрӯзаи Бухорои Кӯҳна бо забти он анҷом ёфт. Шаби 31 авг. ба 1 сент. 1920 амир Олимхон аз Бухоро ба ҷониби Афғонистон фирор кард. То ох. сент. 1920 дар тамоми марзи Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) тартиботи амирӣ барҳам дода шуд ва ҳокимият ба дасти кумитаҳои инқилобӣ гузашт. Ҳамин тавр, ба ҳокимияти 164-солаи сулолаи манғития ва мавҷудияти хонигарӣ ё А. Б. хотима гузошта шуд.

Ад.: Ханыков Н., Описание Бухарского ханства, С, 1843; Вамбери А., История Бухары или Трансоксании, 1873; Искандаров Б., Аморати Бухоро, ЭСТ, ч. 1; Д., 1978; Мирза Абдалазим Сами, Таърихи салатини Мангитийа, М., 1962; Ахмад Дониш, История Мангитской династии, Д., 1967; Мухаммед Юсуфи Мунши, Мукимханская история, Ташкент, 1956; Мир Мухамад Амини Бухари, Убайдулла-наме, Ташкент, 1957; Абдурахмани Тали, История Абулфейзхана, Ташкент, 1959; Аҳмад Маҳдуми Дониш, Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития, Сталинобод, 1960; Исмоилова Б., История Бухарского эмирата, Х., 2005; Ғафуров Б., Тоҷикон, ҷ. 2, Д., 1985; Ҳотамов Н., Таърихи халқи тоҷик, Д., 2007. *М. Холов.*

АМОРА́ТИ КУРДО́Б, давлати феодалӣ дар нимҷаз. Пиреней (756 – 929), ки дар натиҷаи қисми калони нимҷаз-ро забт кардани арабҳо ва барбариҳо ташкил гардид. Аз с. 929 ба Хилофати Қурдоб табдил ёфт.

АМОРАТҲО́И МУТТАҲИДА́И АРА́Б (Ал-Аморат ал-Арабия ал-Муттаҳида), АМА, давлат дар шим. шарқии нимҷаз. Арабистон, федератсияи ҳафт аморати мустақил: Абузабӣ, Дубай, Шарҷа, Ал-Фуҷайра, Раъс-ул-хайма, Аҷмон, Умм-ул-Қайвайн. То с. 1971 чун Уммони Аҳдӣ тобеи Британияи Кабир буд. Масоҳ. 83657 км^2, аҳолиаш 4,8 млн нафар (2010). Пойтахташ Абузабӣ. Дар Ш. бо Уммон ва Қатар, дар Ҷ. ва Ҷ. Ғ. бо Арабистони Саудӣ, дар Шим. бо халиҷҳои Форс ва Уммон ҳамсарҳад аст. Забони давлатӣ – арабӣ, воҳиди пулӣ – дирҳам, дини ҳукмрон – ислом. Рӯзи миллӣ – «Ал-Ид-ул-Ватанӣ» (2 дек.). Шаҳрҳои калонтаринаш Дубай, Шарҷа; бандарҳои асосиаш: Рашид, Ҷабал-Алӣ, Зоид, Ал-Фуҷайра.



Парчам ва нишони Аморатҳои Муттаҳидаи Араб.

Сохти давлатии АМА – ба ҳам омадани сохти республикавӣ ва монархия аст. Конститутсияи амалкунанда с. 1996 қабул шудааст. Раиси давлат – президент (аз рӯи анъанаи ҷоришуда – ҳатман шайхи Абузабӣ ва сардори ҳукумат – сарвазир маъмулан шайхи Дубай) буда, ӯ ҳамзамон Сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳ ва Шӯрои олии мудофиа мебошад. Ҳокимияти иҷроия – Шӯрои вазирон, раиси онро президент таъйин мекунад. Мақомоти қонунбарор – Шӯрои Федералии Миллӣ, ки ба ҳайаташ аз ҳар аморат, вобаста ба нуфуси аҳолиаш, шумораи муайяни намояндагон ворид мешаванд. Ҳар аморат интихоботро мувофиқи салоҳдидаш мегузаронад. Дар маҳалҳо ҳокимият дар дасти шайхҳо – ҳокимони аморатҳо мебошад. Ҳокимияти судӣ – Суди олии федералӣ аз раис ва 4 судяи мустақил иборат буда, он масоилу муносиба-

АМОРАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АРАБ



ти байни аморатҳо, байни ҳукумати федералӣ ва ҳукуматҳои маҳаллиро танзим мекунад. Дар АМА ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надоранд. АМА узви СММ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Лигаи Давлатҳои Араб, ОПЕК мебошад. Байни АМА ва Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ 18 ноябри 1995 барқарор гардида, 6 авг. 1997 Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар АМА таъсис дода шудааст.

Табиат. Сарзамини АМА аз ҳамвориҳои паст, кӯҳҳои начандон баланд (то 1127 м, дар Ш.) ва рифҳои марҷонӣ (қад-қади соҳилҳои Халиҷи Форс) иборат аст. Бештари ҳудуди АМА биёбон буда, дар Ҷ. ва қисми ҷан. шарқии мамлакат ду воҳаи бузурги сердолударахт мавҷуд аст, ки дар онҳо хурмо, ангур, лиму, норчил, ақоқиё, буттаҳои тамариск мерӯянд. Аз ҳайвонот харгӯш, оҳу, қашқалдоқ, мор ва калтакалос мавҷуданд. Иқлими АМА хушки тропикӣ ва дар соҳилҳои халиҷ субтропикист. Дарёҳои доимӣ надорад, майдони зиёдро шӯразору биёбони регзор ташкил мекунад. Ҳарор. ҳаво аз +10°С (дек.) то +45°С (июл) мебошад. Боришоти миёнаи солона аз 130 мм беш нест. Тӯфони регӣ зуд-зуд рух медиҳад. Муҳимтарин сарвати зеризаминии мамлакат нефт ва газ мебошад.

Аҳолӣ. Аз миқдори умумии аҳолӣ сеякашро арабҳои этникӣ – асосан яманиҳо, уммониҳо ва мисриҳо, 11% фоизашро мардуми таҳҷоӣ ва боқимондаро эрониён, ҳиндуҳо, покистониён, филиппиниҳо ташкил медиҳанд. Зиёда аз 85% фоизи аҳолӣ муҳоҷиронанд, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ ва кор мекунанд. Мусулмонон суннимазҳаб (85%) ва шиъамазҳаб (15%) мебошанд, муътақидони динҳои масеҳия, ҳиндуия ва буддоия, баҳоия низ ҳастанд. Дар ҳар аморат дар қатори масҷидҳо маъбад ва дайру калисоҳо низ мавҷуданд.

Таърих. Ҳудуди АМА ҳанӯз ҳазорсолаи 6 то м. маскун буда, дар ҳазораи 4 то м. соҳилҳои Халиҷи Форс маҳали муҳими тиҷорати байни Байннаҳрайн ва Ҳинди Қадим буд. Соли 300 то м. дар мавзеи Малейҳа юнониён колонияи тиҷоратии хешро асос гузоштанд. Тиҷорат махсусан бо Сосониён (дар а-ҳои 5 – 6) хуб роҳандозӣ шуда, дар соҳили шарқӣ, дар Дибба то а. 7 европоиёни масеҳӣ ибодатгоҳ ва бандар сохта буданд. Хилофатҳои соҳилҳои ҷан. Халиҷи Форс ва шим. ғарбии Уммон дар ҳайати Хилофати араб буда, ш-ҳои Дубай, Шарҷа, Фуҷайра ҳамон замон бино гаштаанд. Дар а-ҳои 10 – 11 қисми шарқии Нимҷазираи Араб дар тасарруфи қарматиҳо буд ва баъди таназзули ин сулола зери таъсири Уммон афтод. Ох. а. 15 ба минтақа таваҷҷӯҳи европоиён афзуд. Аввалин шуда ин ҷо португалиягиҳо маъво гирифтанд. То а. 12 моҳидорони маҳаллӣ, сокинони ҳудуди ҳозираи АМА ба сафарҳои баҳрии тӯлонӣ баромада, то соҳилҳои Кения, Шри-Ланка, Хитой ва Вйетнам мерасиданд. Ширкати Ост-Индияи Британияи Кабир дар а. 18 тиҷорати баҳрии байни бандарҳои Халиҷи Форсро бо баҳонаи хотима бахшидан ба роҳзании баҳрӣ монополияи худ кард ва аҳолии аморатҳоро, ки асосан бо тиҷорат машғул буданд, аз манбаи асосии зиндагӣ маҳрум гардонд. Ин боиси задухӯрдҳои доимии байни ширкати Ост-Индия ва аҳолии маҳаллӣ мешуд (англисҳо арабҳоро роҳзан ва ноҳияи аморатҳоро «Соҳили роҳзанон» номида буданд). Соли 1820 ин ширкат шартномаеро зӯран ба гардани амирон ва шайхони 7 аморати араб бор кард, ки он ибтидои муқаррар шудани назорати Британияи Кабир бар ин сарзамин буд. Ҳамин тариқ, с. 1838 «Соҳили роҳзанон» (АМА), Уммон, Масқат, Баҳрайн ва Кувайт таҳти назорати Англия даромад ва дар халиҷ киштиҳои ҳарбии он ба таври ҳамеша ҷой гирифтанд. Аз миёнаҳои а. 19 ин ҳудуд бо номи Уммони Аҳдӣ тобеи Британияи Кабир шуд. Солҳои 20 а. 20 дар Уммони Аҳдӣ ҳаракати миллии озодихоҳӣ оғоз ёфта, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) хеле авҷ гирифт; таъсири Британияи Кабир дар Халиҷи Форс суст шуд ва 2 дек. 1971 дар қатори дигар давлатҳои халиҷ таъсиси давлати мустақили АМА эълон гардид. Дар аввал аморати Раъс-ул-Хайма ба ин иттиҳод ворид шудан нахост, вале февр. 1972 ба он шомил шуд. Дек. 1971 байни АМА ва Иттифоқи Советӣ муносибатҳои дипломатӣ муқаррар гардид.

Иқтисодиёт. Аз с. 1956 сар карда паёпай кашф шудани конҳои нефт дар Абузабӣ, Дубай, Шарҷа ва Раъс-ул-Хайма мӯҷиби дар муддати кӯтоҳ ба давлати бузурги истихроҷкунандаи нефт дар Шарқи Миёна табдил ёфтани АМА гардид. Вобаста ба ин дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар низ тараққӣ карда, он ба маркази иқтисодии байналхалқӣ табдил ёфт. Асоси иқтисодиёти АМА истихроҷ ва содироти нефт (2,2 млн баррел дар як рӯз; захираи табиаш дар ҳудуди зиёда аз 7 млрд т; 10%-и захираи



Манзараи Дубай аз ҷониби халиҷ

нефти олам аст) ва газ (захираи табиаш 5,7 триллион м³) буда, вобаста ба ин истеҳсоли масолеҳи нефт, саноати коркардаи нефт, нефту химия, металлургия, истеҳсоли семент тараққӣ кардааст. Савдои беруна хеле рушд карда, маркази тиҷоратӣ – Дубай ва минтақаи савдои озод – Ҷабал Алӣ маблағгузории (инвеститсияи) хоричиро бештар аз ҳама ҷалб мекунанд. Танҳо бандарҳои Рашид (Дубай) ва Ҷабал Алӣ (Фуҷайра) дар як сол зиёда аз 3 млн контейнерро интиқол медиҳанд. Дар мамлакат инфрасохтори нақлиётӣ (6 аэропорти байналхалқӣ, бандарҳои баҳрӣ, шабакаи роҳҳои автомобилгард, с. 2010 метро ба кор даромад) ва телекоммуникатсия хеле тараққӣ кардааст. Маблағгузориҳои калон ба сохтмони биноҳо ва маҷмааҳои мӯҳташам ҷалб мешаванд. Истихроҷ ва содироти марворид ва маҳсулоти моҳидорӣ низ дар иқтисоди кишвар ҷойи намоён дорад. Аз ҳунармандии анъанавӣ бофтани қолин ва матоъҳои пашмӣ, ҳаккокию зарробии филизот муравваҷ аст. Дар воҳаҳо мевагиҳо, сабзавот, ғалладона ва ғ. парвариш ва кишт карда мешаванд. Чорводории кӯчӣ (бодиягардӣ) маъмул аст. АМА асосан масолеҳи мошинсозии вазнин ва саноати химия, воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот, равғанҳои молиданӣ, молҳои сермасраф ва хӯрокворирo ворид мекунад. Шарикони асосии тиҷоратиаш – ШМА, Япония, Британияи Кабир, Таиланд, Уммон, Ҳиндустон, Эрон, Сингапур.

Маориф. Таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ройгон ва то синфи 9 аст. Масъалаи ҷалби духтарон ба таҳсил даҳсолаи охир ба сатҳи зарурӣ расидааст. Солҳои охир дар таълим усулҳои пешқадам, методикаи таълимию таҳсилии Ғарб ҷорӣ шуда истодааст. Ҳоло ба омӯзиши забони англисӣ, ки пештар аҳамият намедоданд, бештар диққат медиҳанд. Барномаи «Муаллими асри 21» тайёр кардани 10 ҳазор омӯзгори сифатан нав ва ҷавобгӯи талаботи замонро


Дубай. Маҷмааи Бурҷ-ал-Араб.

(то с. 2020) дар назар дорад. Таҳсили фарзандони хориҷиён дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ пулакӣ аст. Дар АМА маълумоти олӣ дар ҳамдастӣ бо кишварҳои дигар, дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои машҳур роҳандозӣ шудааст. Дар Донишгоҳи АМА (с. таъсисаш 1976, Абузабӣ), 4 коллеҷи олии техникӣ (1988), Донишгоҳи тиббии халиҷ (1998, Аҷман), Донишгоҳи занона (1988, кампусҳо – шаҳракҳои иқоматиаш дар Абузабӣ ва Дубай), дар шӯъбаҳои Донишгоҳи технологии Ротчестер (Дубай), Донишгоҳи Ҷорҷ Мейсон (Раъс-ул-Хайма), Донишгоҳи Сорбонна намояндагони миллатҳои гуногун таҳсил мекунанд. Маҷмааи бузурги таълимӣ – шаҳраки донишҷӯён Dubai Knowledqe Vilage, ки с. 2003 ба истифода дода шудааст, шӯъбаҳои 16 донишгоҳи кишварҳои хориҷӣ (аз ҷумла Донишгоҳи инженерию иқтисодии Санкт-Петербург, Донишгоҳи Маҳатма Гандӣ, Манчестер Бузинес Скул), марказҳои таълимӣ, маркази таълимии электронӣ, марказҳои тадқиқоти илмӣ, хобгоҳҳо ва ғ.-ро муттаҳид кардааст. Китобхонаҳо бештар дар назди муассисаҳои маълумоти олӣ ва марказҳои илмию тадқиқотӣ фаъолият доранд. Китобхонаи марказии ба номи Зоид, китобхонаҳои «Мақом» (барои занон) ва «Фалаҷ» (барои мардон) дорои маводи ғанӣ, махсусан мавод дар мавзӯи илмҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Матбуот, радио, телевизон. Воситаҳои ахбори омма бо вуҷуди озод будан, аз ҷониби Шӯро оид ба корҳои ВАО назорат мешаванд, то дар мундариҷаву маводашон мавзӯъҳои номатлуб ва фаҳш набошанд. Рӯзномаҳои «Ал-Иттиҳод», «Ал-Баён», «Ахбор-ал-Араб», «Ал-Халиҷ», «7 Days», «Arabian business.com», «Gulf news», «Khaleej Times» (ба забони англисӣ); маҷ-ҳои «Gulf Marketing Review» (тиҷоратӣ), «Soura maqazine» (инъикосгари санъати аккосӣ ва дигар намудҳои санъати тасвирӣ), «Шабоб-ал-явм» (барои кӯдакон ва наврасон) нашрияҳои намоёни АМА мебошанд. Ба забони русӣ маҷ-ҳои «Русские Эмираты», «Деловые Эмираты» ва роҳнамои «Ключи Востока» нашр мешаванд. Алҳол (2011) дар АМА наздики 40 шабакаи телевизионӣ ва 8 пойгоҳи радио амал мекунанд. Шабакаи асосии телевизионӣ «Абузабӣ» буда, ҳар аморат пойгоҳи телевизион ва радиои худро дорад. Дар АМА шабакаҳои махсусгардондашудаи иттилоотӣ, намоишҳои варзишӣ, пахши барномаҳо барои ақаллиятҳои миллӣ (мас., барои форсизабонҳо), барои давлатҳои дигар (мас., Британияи Кабир, Покистон ва ғ.); фароғатӣ, иҷтимоӣ, мусиқӣ, барои кӯдакон ва наврасон (ройгон), тиҷоратӣ, рекламавӣ ва ғ. фаъолият мекунанд. Радиошунавонӣ ғайр аз дохили кишвар (ба забонҳои арабӣ, англисӣ, франсавӣ, урду ва ғ.) ба кишварҳои дигар – бештар арабзабон пахш мешавад. «Русское радио в ОАЭ» барномаҳояшро ба тавассути мавҷи 96,3 FM пахш мекунад.

Адабиёт. Адабиёти шифоҳӣ бо номи «назми набатӣ» рукни эҷоди мардуми маҳаллӣ буда, бо вуҷуди навсозии ҳаёти имрӯзаи кишвар, асолату ҷаззобии худро нигоҳ доштааст. Ҳокими Дубай – шайх Муҳаммад ибни Рошид Оли Мақтум чун шоири боистеъдоди жанри «шеъри набатӣ» эътироф шудааст. Шоирон ва эҷодиёти онҳо бештар ба тавассути намоиш (шоу)-и махсуси телевизионӣ, маҷ. ҳармоҳаи адабӣ ва веб-сайти интернетӣ муаррифӣ ва тарғиб мешаванд. Комитети махсуси ҳакамҳо мавҷуд аст, ки аз байнашон «шоҳзодаи шеър»-ро интихоб мекунанд. Барои инкишофи адабиёт ҳавасманд кардани эҷодкорон Раиси давлат шайх халифа ибни Зоид Оли Наҳён с. 2007 мукофоти махсус таъсис додааст.

Маданият ва санъат. Ривоҷи санъату маданият дар АМА аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки он ба тамоми аҳли ҷаҳон нигаронида шудааст. Дар АМА лоиҳаҳои микёсашон бузурги тамоми қитъаҳои олам амалӣ мегарданд. Беҳтарин дастовардҳои санъати тасвирӣ, мусиқӣ, театру кино ва дигар намудҳои ҳунар дар ин ҷо намоиш дода мешаванд ва барои ин маҷмааву иншооти мӯҳташам, намоишгоҳҳои фарохмасоҳат, толорҳои консертӣ ва ғ. мавҷуданд. Барои инкишофи санъати меъмории муосир, парвози тахайюли шаҳрсозии нодир ва амалӣ кардани лоиҳаҳои ғарибу тахайюлӣ (фантастикӣ), мас., лоиҳаи бузургтарин музейи а. 21 (пешниҳоди меъмори канадагӣ Франк Герӣ; дар он барои намоиш гузоштани бозёфтҳои археологӣ, намунаҳои саноеи гуногун, дастнависҳо ва ғ-и дар тамоми ҷаҳон эҷодшуда ва аз тамоми олам гирдоваришудаи ҳамаи замонҳо ва ҳамаи тамаддунҳо дар назар аст) ландшафти кишвар – соҳили на он қадар чуқуру нилгуни халиҷ (барои сохтмон дар даруни об) ва паҳнои биёбон имкониятҳои фаровон медиҳад; ва ё нияти Дубайро ба метрополия (модари шаҳрҳо) ва маркази маданияту санъати ҷаҳони араб табдил додани аморатҳо аз ҷумлаи нақшаҳои тарҳрезишудаи кишвар мебошанд. Аморати Шарҷа аз с. 2001 ин ҷониб ҳамчун маҷмӯъкунандаи дастовардҳои санъаткорон ва ҳунармандони мамлакатҳои Халиҷи Форс, Шарқи Наздик ва ҷаҳони боқимонда муаррифӣ шудааст. Дар Музейи бадеӣ, Музейи тамаддуни исломӣ ва музейҳои дигари ин аморат зуд-зуд намоиши осори рассомон ва пайкарасозон (бо ташкили семинар ва курсҳои маҳоратомӯзӣ) баргузор мегардад. Дар Абузабӣ барои ривоҷи санъати тасвирӣ хонаҳои эҷодӣ ташкил шудаанд. Дар АМА Нигористони санъати муосир (масоҳ. 1817 м^2) ва Маркази намоишӣ (масоҳ. 15.400 м^2, с. 2009) ба истифода дода шудаанд, ки дар ҷаз. Саадияти ин аморат ҷойгиранд ва дар онҳо асарҳои рассомон, пайкарасозон ва амали ҳунармандони соҳаи ороиши бадеӣ намоиш дода мешаванд.

Мусиқии АМА як ҷузъи маданияти мусиқии Халиҷи Форс – мусиқии анъанавӣ, суруду рақсҳои мардумии бадавиён ва моҳидорон мебошад. Мусиқии ба ном «лива» оҳангу рақсҳои қабилаҳои аз Африкаи Шимолӣ ҳиҷратнамуда мебошанд. Аввалин сарояндаи машҳури мамлакат, бонуи овози Халиҷи Форс дар услуби «поп» Аҳлам мебошад. Муним ас-Солеҳ оҳангсоз ва сарояндаест, ки дар эҷодиёташ сабки ҳиндӣ, арабӣ ва испаниро ба ҳам омезиш додааст. Самар, Рим, Рувайда ва Абдулло Билхайр низ сарояндагони машҳуранд. Дар гузаргоҳҳои зеризаминии шаҳрҳои АМА (бештар Дубай) дар қатори рассомон ва ҳунармандони озод, ки офаридаҳояшонро ба намоиш ва фурӯш мегузоранд, сарояндагону мутрибони муҳоҷир ҳунарнамоӣ мекунанд. Онҳоро дар санъатшиносии муосир намояндагони санъати «андеграунд» меноманд. Дар АМА ба ин

зумра аҳамият медиҳанд. Ширкати эҷодие ҳаст, ки махсус барои дастгирии ин гуна эҷодкорон таъсис ёфтааст. Дар назди Донишгоҳи америкоии Дубай маркази таҳқиқие ҳаст, ки бо гирдоварӣ ва тарғиби ҳунари эҷодкорони «стихиявӣ» – ҳунармандони озоди кишвар машғул аст. Ин ташкилотҳо барои баромади эшон аз тариқи радио ва телевизион, дар рӯи саҳнаҳо мусоидат намуда, диску албомҳояшонро нашр мекунанд. Онҳо бештар дар жанри «рок» ва «металл» ҳунармандӣ мекунанд. Дар ҳаёти мусиқии мамлакат сафарҳои ҳунарии ситораҳои машҳур, коллективҳои нодир, ба мисли Филармонияи Нию Ёрк, Оркестри симфонии бачагона ва ғ. ҳодисаи маъмулист.

Театр дар АМА намуди санъати анъанавӣ набошад ҳам, барои тарғибу ривоҷи он дар кишвар тамоми шароитҳо фароҳам аст. «Дубай алаҳли театр» ва «Дубай фолклор театр» дар саҳнаҳояшон намоиши санъати халқиро барпо мекунанд. Дар аморати Ҷумайра «Мадинат-театр», дар Шарҷа ва Абузабӣ театрҳои миллӣ фаъолият доранд. Театри бадеии ҷавонон (Дубай) асосан пйесаҳои драматургони ҷавони 18 – 35-соларо ба саҳна мегузорад. Дар мамлакат ба спектаклҳои барои бачагон таҳияшуда бештар аҳамият медиҳанд, то дар ҷавонони маҳаллӣ (таҳҷоӣ) завқи театршиносию театрдӯстдориро парваранд. Дар Дубай ҳар сол фестивали «Театр барои ҷавонон» барпо мешавад.

Кино. Дар ин соҳа қадамҳои аввалин гузошта мешавад. Барои тарҳрезӣ кардан ва минбаъд ривоҷ додани санъати кино ва киноиндустрия дар АМА янв. 2009 комиссияи ташаббускори ADACH таъсис дода шуд, ки ба тайёрии касбии ҷавонон дар ин соҳа замина гузошта, барояшон курсҳои омӯзишӣ, озмунҳо, мастерклассҳо (бо симоҳои барҷастаи соҳаи кино) ташкил мекунад. Барпо кардани кинофестивалҳои байналхалқии сатҳи ҷаҳонӣ дар АМА амали ҳамасола мебошад. *М. Шарифзода.*

АМОРИ́ҲО, аморийҳо, амурруҳо, қабилаҳои қадими семиҳои Арабистон; дар ҳудуди биёбони васеи Сурия (аз Фаластин то халичи Форс) бодиянишин буданд. Дар ох. ҳазорсолаи 3 то м. бо оламиҳо (дар ҳамон замон сокинони Хузистон, дар ҷан. ғарби Эрон) давлати Урро (сулолаи III) аз байн бурда, тақр. с. 1894 то м. салтанати Бобулистони қадимро барпо намуданд. Дар Байнаннаҳрайн сокин шуда, а-ҳои 18 – 17 то м. бо аҳолии маҳаллӣ омезиш ёфтанд. Аммо А. дар Сурия дар а-ҳои 15 – 14 то м. (дар Фаластин – то а-ҳои 12 – 10, то омезиш бо яҳудиён) ҳам зиндагӣ мекарданд. Дар ҳазорсолаи 1 то м. Сурияро Амурру меномиданд. *Б. Раҳматов.*

АМОРӢ, ниг. *Каҷова.*

АМОРТИЗА́ТОР (франс. *amortisseur* – суст кардан, нарм кардан), асбоб барои суст ва сабук кардани таъсири зарба дар мошину иншоот, ки бо мақсади аз ларза ва гаронборӣ ҳифз намудан истифода мешавад. А. энергияи механикиро ба энергияи гармӣ табдил медиҳад. А.-ҳо м е х а н и к ӣ (рессораҳо, торисонҳо, буферҳо, қисмҳои резинӣ), г и д р а в л и к ӣ (пуржинаҳои гидравликӣ) ва п н е в м а- т и к ӣ (пружинаҳои пневматикӣ) мешаванд, ки сохти онҳо мувофиқан ба хосияти чандирии ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо асос ёфтааст. А. нишасти нарми аппаратҳои париш, ҳаракати кори автомобил, локомотив ва ғ-ро таъмин мекунад. Дар техникаи ҳозиразамон А.-ҳо ҳар ҷо дар ин ё он намуд: дар пояҳои капот, сарпӯши бағоҷдон, қисмҳои идора (ҳатто дар мототсиклҳо), муҳаррик ва овезаҳои шассӣ истифода мешаванд.

АМПЕЛОГРА́ФИЯ (аз юн. Ampelos – ток ва grapho – менависам), илмест оид ба намуд ва навъҳои ангур. А. қонунияти тағйирпазирии навъҳои ангурро дар натиҷаи таъсироти муҳит ва инсон меомӯзад. Истилоҳи А.-ро бори аввал табиатшиноси полшавӣ Ф. Я. Сакс истифода бурдааст (1661; аз ин ҷост, ки ӯро асосгузори А. мешуморанд). А. у м у м ӣ ва ҷ у з ъ ӣ мешавад. А.-и умумӣ систематика, таснифот ва пайдоиши навъҳои ангур, инчунин методикаи тадқиқоти ампелографӣ ва ампелографияи қиёсиро дар бар мегирад. Мавзӯи омӯзиши А.-и ҷузъӣ навъҳои ҷудогонаи ток, тавсифи ботаникӣ, агробиологӣ ва хоҷагию технологии он мебошад. Соли 1878 дар Вена Комиссияи байналхалқии ампелографӣ таъсис ёфт, ки тарзи ягонаи баҳодиҳиро ба навъҳои ангур тасдиқ намуд. А. барои муайян намудани навъҳои ангури тамоми ноҳияҳои токдорӣ ва номи илмии онҳо (синоним ва омонимҳо), ҳалли масоили ба шароити нав мутобиқ гардондани навъҳо ва махсусгардонии токдорӣ, ривоҷи токпарварӣ дар ноҳияҳои нав, интихоб ва истифодаи навъҳо ҳангоми селексия, риоя намудан ба қоидаҳои агротехникӣ дар асоси хусусиятҳои биологии навъҳо имкон медиҳад. Инкишофи А.-ро ба 3 давр ҷудо мекунанд: тавсифи морфологии навъҳои ҳар ноҳия; ҷамъоварии навъҳо, ки тавсифи морфологии навъҳои ангури ноҳияҳои гуногунро низ дар бар мегирад; тавсифи навъҳои ҷамъоварда ё хоҷагиҳои ҷудогона дар маҳали парвариш. Тадқиқоти ампелографӣ дар санҷишгоҳҳои ампелографӣ, қитъаҳои навъсанҷии давлатӣ ва токзори истеҳсолӣ (токи худрӯйро дар маҳали сабзиш) сурат мегирад. Натиҷаи тадқиқот дар каталогҳои даврӣ ва асарҳои барҷаста таҳти унвони «Ампелография» нашр мешавад. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ асари 10-ҷилдаи «Ампелография СССР» нашр гардида буд, ки 1500 навъи маҳаллию 1300 хели ғайримаҳаллии токро дар бар гирифтааст. Ба «Ампелография СССР» 119 навъи ангури маҳаллии Тоҷикистон ворид шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши муттасили ампелографӣ навъҳои беҳтарини ангур муайян ва дар селексия истифода мегарданд. Парвариши ток, такмили навъҳои нави ангур, баланд бардоштани ҳосил ва беҳтар гардондани сифати маҳсулот, дарёфти воситаҳои нави мубориза бо ҳашароти зараррасон ва касалиҳо аз ҷумлаи пажӯҳишҳои илмии мутахассисони Ин-ти боғпарварию сабзаворкорӣ ва кафедраи боғдории ДАТ мебошанд.

Ад.: Ампелография СССР, М., 1945 – 1956; Лазаревский М. А., Сорта винограда, М., 1959; Ампелография СССР. Малораспространённые сорта, М., 1963 – 1966; Ампелография, М., 1970; Кискин П. Х., Краткая цифровая ампелография, Кишинёв, 1977; Энциклопедия виноградарства, т. 1, Кишинёв, 1987; Биологический энциклопедический словарь, М., 1989; Грамотенко П. М., Трошин Л. П., Микросистематика винограда, мач. «Виноградарство и виноделие», № 10 – 17, М., 1994.

Ҳ. Маҳмадқулов.

АМОРТИЗА́ТСИЯ, ниг. *Истеҳлок.*

АМПЕЛОТЕРАПИ́Я, а н г у р ш и ф о ӣ, бо мақсади табобати бемориҳои гуногун истифода бурдани ангури тару тоза ва афшураи он. А. яке аз усулҳои парҳезшифоӣ буда, бо маслиҳату таъйиноти духтур ва якҷоя бо дорушифоӣ ба ҷо оварда мешавад. Хосиятҳои шифобахшӣ ва парҳезии ангур аз замонҳои қадим маълум аст. Дар ин бора Букрот, Плиний, Абубакри Розӣ, Абуалии Сино ва дигар олимону донишмандон ақидаҳои ҷолиб баён кардаанд. Дар «*Махзан-ул-адвия*» ном асари Муҳаммад Ҳусейни Оқилӣ омадааст, ки «Беҳтарин навъи ангур сафеди расидаи ширини шодоби бузургдона аст, ки пӯсташ нозук, тухмаш хурд ва донаҳояш дар миқдор баробар бошанд… Ангур беҳтарин меваҳост дар

ғизоият ва тавлиди хуни солеҳ ва баэътидоловарандаи мизочҳои ғализ ва софкунандаи хун ва дафъкунандаи моддаҳои савдоӣ ва эҳтироқия (сӯхташуда) аст. Ҳоли сина ва шушро беҳтар ва баданро фарбеҳ мекунад ва пиҳи (чарбу) гурдаро зиёд мегардонад. Оби онро хӯрда, пӯсти онро андохтан лозим аст… Ангури норас ва ғӯра афиси (тақир) сард буда, қувваи қобиза дорад…»

Дар таркиби ангур глюкоза, фруктоза, кислотаҳои себ, силикат, оксалат, салитсилат, ҷавҳари лиму, моддаҳои минералӣ, микроэлементҳо, витаминҳои С, В, провитамини А (каротин), биофлавоноидҳо, ферментҳои гуногун ва ғ. мавҷуданд. Самараи табобатии А. бештар ба глюкоза, намакҳои калий (тақр. 250 мг%) ва об (тақр. 70 – 80%) вобастагӣ дорад. Дар мавриди А. раванди муҳодилаи моддаҳо (хусусан обу намак) меафзояд, фаъолияти гурдаҳо беҳтар шуда, моддаҳои заҳрнок аз организм ихроҷ мегарданд, кори меъда ба сомон меояд, иштиҳо кушода мешавад. Ба сифати парҳезона метавон тамоми анвои ангурро кор фармуд. Ангур барои муолиҷаи бемориҳои дил, бронхҳо, гурда, ҷигар, амрози меъдаю рӯдаҳо, камхунӣ, никрис (подагра), сили музмини шуш, харобии силсилаи асабҳо, инчунин ба сифати давои муқаввӣ (ҳангоми маризии бардавом) таъйин карда мешавад. Дар мавриди А. аз истеъмоли меваҳои дигар ҳатталимкон худдорӣ кардан лозим; истеъмоли сабзавот, шир, ғизоҳои серравған ва шӯр, квас, оби минералӣ, шароб низ ҷоиз нест. Миқдори ангур ва афшураи он, инчунин давомоти табобат ба таври фардӣ таъйин карда мешавад. А. дар мавриди бемориҳои диабети қанд, фарбеҳӣ, захми меъда, энтерит ва энтероколит, плеврити шадид, стоматит, гингивит, глоссит, сили шадид ва ғ. зарар дорад.

Хосияти шифобахшии мавизи ангур низ аз қадимулайём маълум мебошад. Дар таркиби мавиз то 73% қанд ва ба миқдори зиёд намакҳои калий мавҷуданд. Барг ва навдаҳои тарраки ток низ хосияти табобатӣ доранд. Доруи натуроза, ки аз ангур истеҳсол карда мешавад, барои муолиҷаи хунравии шадид, коллапс, садма (шок) истифода мегардад.

Ад.: Ҳикмати асрҳо (мураттибон В. А. Капранов, Р. Ҳошим), Д., 1974; Шварц А. Б., Виноградолечение, Ялта, 1947; Караджи Г. М., Германов П. Н., Питательная ценность и оздоровляющее значение винограда, Кишинев, 1968; Энциклопедия виноградарства, т. 1, Кишинев, 1986. *А. Тошев.*

АМПЕ́Р Андре Мари (22. 1. 1775, Лион – 10. 6. 1836, Марсел), физик, математик ва табиатшиноси бузурги франсавӣ, яке аз асосгузорони *электродинамика*, узви АИ Париж (1814), проф. Мактаби олии нормалии Париж (1824). Тадқиқоти А. дар соҳаи математика ва назарияи эҳтимолият, татбиқи ҳисоби вариатсионӣ дар механика ва таҳлили математикӣ оид аст. А. с. 1820 қонуни таъсири мутақобилаи механикии ҷараёнҳо, қоидаи бо таъсири ҷараён самти худро дигар кардани ақрабаки магнитиро кашф намуд (ниг. *Қоидаи Ампер*) ва бори аввал назарияи магнетизмро пешниҳод кард. Дар соҳаи таъсири магнит ва ҷараёни электрикӣ асбобҳои бисёр ихтироъ карда, таҷрибаҳо гузарондааст. Худи ҳамон сол қонуни таъсири мутақобилаи ҷараёнҳои электрикиро ошкор намуд, назарияи магнетизмро вусъат дод. Соли 1822 А. падидаи магнитии ғалтаки ҷараёндор (соленоид)-ро ошкор кард. Пас аз тадқиқоти А. магнетизм қисми электродинамика гардид. А. назарияи электродинамикаро дар асарҳои «Назарияи ҳодисаҳои электродинамикие, ки комилан аз таҷриба бармеояд» (1826) ва «Назарияи ҳодисаҳои электродинамикӣ» баён карда, дар «Таҷрибаи фалсафии илмҳо» (1834) ном асараш илмҳои замонаашро хеле моҳирона тасниф намудааст. А. ихтироъкори *коммутатор*, *телеграф*и электромагнитӣ, муаллифи истилоҳҳои *кинематика* ва *кибернетика* мебошад. Дар соҳаи ботаника, химия ва фалсафа низ тадқиқот бурдааст. Яке аз бузургиҳои асосии электрикӣ – воҳиди қувваи ҷараён (*Ампер*) ва асбоби онро ченкунанда – *амперметр* ба шарафи А. номида шудаанд. *С. Содиқова.*

АМПЕ́Р Жан-Жак (1800, Лион – 1864, ҳамон ҷо), адабиётшиноси франсавӣ. Писари физик ва математики маъруф Андре Мари *Ампер*. Узви Академияи Франсия (1846). Донандаи якчанд забони дунё. Асарҳои ӯ «Таърихи адабиёти Франсия то қарни XII» (1839), «Мадхали таърихи адабиёти франсавии асрҳои миёна» (1840), «Юнон, Рим ва Данте» (1848) ва ғ. байни мутахассисони адабиёти асрҳои миёнаи Европа маъруфанд. А. донандаи хуби ҳамосаҳои қаҳрамонии адабиёти Шарқу Ғарб буд. Оид ба тамаддуни халқҳои Машриқзамин рисолаҳо дорад, ки дар китоби «Илм ва адабиёт дар Шарқ» (1865) фароҳам омадаанд. Дар рисолае оид ба нашри ҷилдҳои аввали тарҷумаи франсавии «Шоҳнома», ки шарқшиноси франсавӣ Жул Мол анҷом дода буд, баҳс оростааст. А. ба «Шоҳнома» аз дидгоҳи эстетикаи романтизм баҳо додааст. Дар адабиётшиносии франсавӣ А. нахустин касест, ки ғояи муборизаи некӣ ва бадиро дар «Шоҳнома» пай бурда, гуфтааст, ки «муборизаи байни некию бадӣ, ки асоси теологияи Зардушт аст, асоси достони Фирдавсиро ташкил медиҳад». Дар адабиёти ҷаҳон достонҳои ҳамосӣ бисёранд, вале ба гуфтаи А. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «беҳтарин достони миллист». Дар бобҳои дигари рисолааш А. «Шоҳнома»-ро бо ҳамосаҳои дигари адабиёти ҷаҳон муқоиса кардааст. Асари А. оид ба «Шоҳнома» ба забонҳои кишварҳои Европа, аз ҷумла русӣ тарҷума шудааст. *Ш. Мухтор.*

АМПЕ́Р, воҳиди қувваи ҷараёни электрикӣ дар *Системаи байналхалқии воҳидҳо* (СИ). Бо А. ишорат мешавад. Ба шарафи физики франсавӣ А. *Ампер* гузошта шудааст (1881). А. қувваи ҷараёни доимиест, ки аз ду ноқили рости мувозии буриши мудавваре хурд, ки дар вакуум аз якдигар дар масофаи 1 м воқеъгардида, ҷорӣ мешавад ва дар байни онҳо ба ҳар 1 м дарозӣ қуввои $2 \cdot 10^{-7}$Н ба вуҷуд меоварад. Қимати мутлақи А. дар Системаи воҳидҳои электростатистикии мутлақ (СГСЭ) ба $3 \cdot 10^9$ ва дар Системаи воҳидҳои электромагнитии мутлақ (СГСМ) ба 0,1 воҳиди ҷараён баробар мебошад.

АМПЕ́Р БА ВЕБЕР, воҳиди пешинаи муқовимати магнитӣ дар *Системаи байналхалқии воҳидҳо* (СИ), ишорааш А/Вб, ҳоло Генри дар дараҷаи яки манфӣ ($Гн^{-1}$). А. ба муқовимати занҷири магнитие баробар аст, ки дар он сели магнитии 1Вб ҳангоми ба 1А баробар будани қуввои магнитҳаракатдиҳанда ба вуҷуд оварда мешавад. 1 А/Вб = 10^{-9} воҳиди СГСМ.

АМПЕ́Р БА МЕ́ТР, 1) воҳиди зичии хаттии ҷараёни электрикӣ ва шадидияти майдони магнитӣ дар *Сис темаи байналхалқии воҳидҳо,* ишорааш А/м. А. м. ба шадидияти майдони магнитии дар маркази соленоиди дарози n-печадор баамаломада ба ҳар як метри дарозӣ, ки аз он қуввои ҷараёни А/n мегузарад, баробар аст. 1 А/м=$1{,}26 \cdot 10^{-2}$ Э; 2) воҳиди магнитнокшавӣ дар системаи Байналхалқии воҳидҳо – СИ. А. м. ба магнитнокшавии моддае, ки дар он моддаи ҳаҷмаш 1 $м^3$ лаҳзаи магнитии

1 А· м^2-ро дорад, баробар мебошад. 1 А/м = 10^{-3} дин (см·Гс).

АМПЕРВОЛТОММЕ́ТР, *авометр* ё *тестер*, асбоби электрченкунандаи муштараки дастӣ барои чен кардани қувваи ҷараён, шиддат ва муқовимат дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва ҷараёни тағйирёбандаи баландбасомад. Дараҷоти дақиқии А.-ҳо гуногун мешавад. А. дар як вақт чун *амперметр, волтметр* ё *омметр* хидмат мекунад. Мувофиқи принсипи кор А.-ҳои системаи магнитоэлектрикӣ ва системаи детектор (росткунанда) мавҷуданд. Бо А.-ҳои системаҳои магнитоэлектрикӣ бузургиҳои электрикиро дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва бо А.-ҳои системаи детекторӣ ин бузургиҳоро ҳам дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва ҳам дар занҷирҳои ҷараёни тағйирёбанда чен кардан мумкин аст. А. барои дар занҷирҳои электрикӣ ошкор кардани канда шудани ноқил ё *иттисоли кӯтоҳ*, муайян кардани кори таҷҳизоти электронӣ, радиотехника ва ғ. васеъ кор фармуда мешавад.


АМПЕРМЕ́ТР, асбобест барои чен кардани қувваи ҷараён дар занҷири электрикӣ. Вобаста ба доираи қиматҳои қувваи ҷараён шкалаи А.-ро ба килоампер (kA), миллиампер (mA) ва микроампер (μA) тақсим мекунанд. А.-ҳои худнавис низ мавҷуданд (ниг. *Асбоби ченкунандаи худнавис*). А. дар занҷири электрикӣ пай дар пай пайваст карда мешавад; барои васеъ шудани ҳадди ченкунӣ А.-ро бо шунт ё ба воситаи трансформатор мепайвандонд. Аз таъсири қувваи ҷараён ақрабаки асбоб ба ин ё он кунҷ майл мекунад. Мувофиқи принсипи кор А.-ҳои системаи магнитоэлектрикӣ, электромагнитӣ, электродинамикӣ, ферродинамикӣ, ҳароратӣ ва ғ. мавҷуданд.



Амперметр.

АМПЕ́Р-СОА́Т, воҳиди ғайрисистемавии миқдори электрик; А.-с. ба миқдори электрике, ки аз буриши арзии ноқил дар 1 соат ҳангоми 1 А будани қувваи ҷараён мегузарад, баробар аст. Бо А.-с. ишорат мешавад. 1 А.-с.=3600 Кл. Одатан, барои ифода кардани заряди аккумуляторҳо истифода мешавад.

АМПЛИТУДАИ ЛАППИШ, қимати максималии кӯчиш ё тағйирёбии бузургӣ аз қимати мувозинат ҳангоми ҳаракати лаппанда ё мавҷӣ. Ба ибораи дигар А. модули тамоюли максималии ҷисм аз ҳолати мувозинатӣ мебошад. Мас., А. дар лаппиши механикии ҷисм (вибратсия) барои мавҷҳои тор ё пружина масофаро ифода намуда, бо воҳиди дарозӣ чен карда мешавад; А. барои мавҷҳои садо ба А.-и фишори ҳаво дар мавҷ вобаста буда, логарифми он бо детсибел (дБ) чен карда мешавад. А. барои афканиши электромагнитӣ ба бузургии майдонҳои электрикӣ ва магнитӣ мутаносиб аст.



Расми лаппиши синусоидалӣ.
λ–дарозии мавҷ, y – амплитудаи мавҷ.

АМПЛУА́ (аз франс. emploi – истифода кардан, татбиқ намудан, вазифа, рол), навъи ролҳои дорои хусусияти муайян, ки ба истеъдоду имкониятҳои ботинию зоҳирии актёр мувофиқат мекунад. Дар театрҳои драма А. аз персонажҳои типӣ (ниқоб, рамз, киноя, маҷоз) то образҳои фардӣ (алоқамандона бо вазъи драматургия ва санъати актёрӣ) вусъат ёфт. Таърихи А. аз театри атиқа (актёрҳои мазҳака ва фочиа) ва асрҳои миёна оғоз меёбад. Дар мазҳакаи Италия актёрон ролҳои табиатан ба ҳам наздикро ҷустучӯ намуда, дар ичрои онҳо маҳорат пайдо мекарданд ва минбаъд дар ичрои чунин навъи ролҳо мутахассис мешуданд, ки он ба А. мусоидат мекард. То ибт. а. 20 дар Россия А.-ҳои мардона – маъшуқ, маҳбуб, қаҳрамон, масхарабоз, содалавҳ, пургӯй (лаққӣ), олуфта (бодӣ) ва занона – кампири масхарабоз, қуввода, даллола, зани бонуфуз маъмул буданд. Дар мамлакатҳои Шарқ мувофиқи расму оин ин ҳунар чун мерос аз насл ба насл мегузашт. Дар марҳалаҳои муайяни инкишофи санъати театрӣ тақсими ролҳо ба А. аҳамияти мусбат дошт, зеро он барои тахассусёбии актёр ва такмили ҳунари ӯ имконият фароҳам меовард. Актёри соҳибихтисос метавонад бе тайёрии махсус ба дигар гурӯҳҳо ё театрҳо қабул шаваду фавран он ролро ичро намояд. Бо мурури замон барои актёрони машҳур чорчӯбаи А. тангӣ кард ва онҳо қонунҳои А.-ро сарфи назар намуданд. Пайдоиши асарҳои драматургияи реалистӣ ва татбиқи реалистӣ дар асарҳои саҳнавӣ А.-ро шикаст дод. Бинобар ин ох. а. 19 бузургтарин намояндагони санъати театрии немис Т. Лаубе, Э. Девриент, Ф. Дингелштедт ва дигарон, авв. а. 20 дар Россия К. С. Станиславский, В. И. Немирович – Данченко, И. М. Москвин, В. И. Качалов ба идомаю ривоҷи А. зид баромаданд. Оҳангсозон ҳанӯз аз а. 19 сар карда асарҳои мусиқиро мутобиқ ба хусусиятҳои овозхон эҷод мекарданд. Бо мурури замон А.-и театрҳои мусиқӣ низ чун А.-и драмавӣ моҳияти худро аз даст медиҳад. Ҳоло қонунҳои А. танҳо дар опереттаҳо амал доранд.

АМПУТА́ТСИЯ (лот. amputatio – бурида дур кардан), амали ҷарроҳист, ки қисми канории дасту пой ё аъзои иллатнок (мас., ғадуди шир, гарданаи бачадон ва ғ.)-ро мебуранд. Қисман А. кардани дасту пойро экзартикулятсия ва пурра А. кардани аъзоро экстирпатсия меноманд. Фақат дар сурате А. мекунанд, ки ягон узви бадан аз кор монад ё ки хавфе ба ҳаёти бемор оварад. А.-и дасту пой яке аз қадимтарин усулҳои ҷарроҳӣ мебошад. Тамоми зинаҳои он ҳанӯз ба духтурони Юнони Қадим, мас., Букрот (а. 4 то м.) маълум буд. Ба А. духтурони Рими Қадим (а. 2) Села ва Архиген асос гузоштанд. Минбаъд тӯли садсолаҳо нишондодҳои ин олимон роҷеъ ба пешгирии хунравӣ фаромӯш гаштанд. Ҳамин тавр, А. фақат а. 16, баъди аз ҷониби ҷарроҳи франсавӣ А. Паре дарёфтани усули бастани рагҳое, ки ҳангоми А. бурида мешаванд, имконпазир гашт. Тибби муосир барои роҳ надодан ба чирк гирифтани ҷароҳат чораҳои эътимоднок (тоза кардани ҷароҳат, истифодаи антибиотикҳо ва ғ.)-ро ба кор мебарад. Аз ин сабаб ҳатто дасту пой ё аъзои хеле сахт захмдоршударо низ бе А. сиҳат кардан мумкин аст. Ҳангоми А. ҳаминро низ ба назари эътибор мегиранд, ки қисми боқимондаи дасту пой барои протез кардан мувофиқ гардад.

АМР, истилоҳест, ки дар бисёр оятҳои Қуръон омада, асосан маънои фармоиши Худоро ифода мекунад. Ин истилоҳ боиси баҳси бисёри илоҳиётшиносону фақеҳон гардидааст. Ҳангоми шарҳу тафсири А. унсурҳои исломӣ бо таълимоти Юнони Қадим омехта шудаанд, вале азбаски муродифи юнонии он маълум нест, бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки ақидаҳои гуногун оид ба фармоиши Илоҳӣ аввал дар олами Ислом ба миён омада бошанд. Дар нусхаи арабии «Илоҳиёт»-и Арасту А. яке аз ҷиҳатҳои «калима»-и Худо – иродаи Худо буда, байни холиқ ва ақли Аввал меистад. Вай дар айни замон сабаби бевоситаи охирӣ ба шумор меравад. Ба ин маънӣ онро «сабаби сабабҳо» ҳам номидан мумкин аст. Ақл ҳамчун офаридаи аввал ва «калима» шабоҳат дорад. Носири Хусрав дар «Кушоиш ва раҳоиш» А.-ро ҳастии аввал маҳсуб медонад. Дар «Равзат-ут-таслим» ё «Тасаввурот»-и Насириддини Тусӣ А.-и илоҳӣ дар аввалин силсилаи маротиби равонӣ ҷой дорад, ки баъди он нафс, ваҳм ва эҳсосот меоянд. Аз рӯи баъзе ақидаҳо дар Қуръон (мас., 8:53) А. гоҳо ба халқ муқобил аст, яъне А. офаридани ҷавҳарҳои рӯҳӣ ё худи ин ҷавҳарҳо буда, халқ маънои офаридани ҷавҳарҳои моддӣ ё худи ин ҷавҳарҳоро дорад. Дар замони муосир А. як намуди санади ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби мақомот ё шахси мансабдори низоми мақомоти давлатӣ ё худидораи маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои онҳо қабул карда мешавад.

АМР, 1) д а р к о м п ю т е р, фармоиши рамзии махсус ба протсессор барои иҷро кардани ягон амал. Мураккабии А.-и компютерӣ аз сохтори протсессори он вобаста аст. Системаи А.-ҳои ҳисобмошинҳои мушаххас рамзи мошиниро ташкил медиҳад. Ҳар як намуди протсессор маҷмӯи А.-ҳои худро дорад, ҳарчанд дар аксар протсессорҳо ин маҷмӯи А.-ҳо ба ҳам мутобиқанд. Агар протсессори А пурра рамзи протсессори В-ро «фаҳмад» (хонда тавонад), пас ин протсессорҳо ба ҳам мутобиқ мебошанд. Агар протсессори А якчанд А.-ҳои В-ро нафаҳмад, пас онҳо ба ҳам мутобиқ нестанд. Барои осон кардани кори истифодабаранда як қатор А.-ҳои муайянро тугмадон (клавиатура) ва мушак иҷро мекунанд. Тугмадон ва истифодаи муштараки чанд тугмача садҳо А.-ро, ки вазифаи муайян доранд (мас., ҳар як тугмачаи қатори боло – аз F_1 то F_{12}), ба ҷо меоварад. Бо мушак (бо тугмачаҳои тарафи рост ва чап) низ чандин А.-ро иҷро кардан мумкин аст. Мас., ду маротиба пахш кардани тугмаи тарафи чапи мушак файл ё ғилофаро мекушояд. А.-ҳои идоракунии MS-DOS умумӣ буда, бо протсессори амрии command. com. иҷро карда мешаванд. А.-ҳо ба тавассути тугмадон бо пахш кардани тугмачаи <ВОРИД> (<ENTER>) дохил карда мешаванд. А.-ҳои умумии DOS аз якчанд гурӯҳ: А.-и кор бо файлҳо, А.-и кор бо системаҳо, А.-и шаклдиҳии дискҳо ва ғ. иборатанд. Ҳоло А. бо ҷойстик (афзори дастакдор) дар масофаи муайян иҷро мешавад, яъне он вазифаи тугмадонро иҷро мекунад; 2) д а р б а р н о м а с о з й, фармоиш ба барномаи компютерӣ, ки дар шакли ду рамз (бо ёрии 0 ва 1) навишта мешавад. Ҳар як А. ду ташкилкунанда дорад: рамзи амалиёт ва нишондиҳанда. Рамзи амалиёт ба тавассути протсессор иҷро кардани кадом А.-ро муайян мекунад. Нишондиҳанда дар кадом қисми хотира маҳфуз доштани маълумоти амалиётӣ ва дар куҷо ҷойгир кардани натиҷаи амалиётро нишон медиҳад. Ҳоло барномасозҳо ҳангоми тарҳрезии барнома бевосита аз рамзҳои мошинӣ истифода намебаранд, зеро барномаҳои тафсирӣ сарфи назар аз забони барномасозӣ онро ба таври автоматӣ ба забони мошинӣ мегардонанд (ниг. *Барномасозӣ*).

М. Хоҷабекова, Б. Неъматӣ.

АМР ибни Лайси Саффорӣ (с. тав. номаълум – ваф. 20. 4. 902, Бағдод), фармондеҳи сипоҳи Хуросон, дуюмин амир аз дудмони Саффорист. А. пас аз марги бародараш *Яъқуби Лайс* ҷонишини ӯ шуд. Вай барои қувват ёфтани давлати *Саффориён,* бар хилофи бародараш Яъқуби Лайс, саъй кард бо халифаи аббосӣ Мӯътамид иртиботи хубе дошта бошад. Ба ин манзур ба ӯ тобеъ шуд. Халифа аз ин иқдоми А. Л. хушҳол шуд ва ҳокимии Форс, Кирмон, Исфаҳон, Табаристону Систон ва ҳатто Ироқи Аҷамро ба ӯ дод. А. ӯҳдадор шуд, ки ҳар сол ба халифа 20 ҳазор дирҳам хироҷ супорад. А. дар ин солҳо бо шӯришҳои дохилӣ мувоҷеҳ шуд. Дар ин давра амир *Исмоили Сомонӣ* – волии Бухоро Хоразмро ба тасарруфи худ даровард ва асоси воқеии давлати сомониёнро бино гузошт. Сипоҳи А. аз Исмоили Сомонӣ шикаст хӯрд ва худ низ асир гардид (900 – 901). Аммо амир Исмоил бо ӯ ба нармӣ бархӯрд кард ва ӯро ба Самарқанд фиристод. Мӯътазиди аббосӣ аз ин огоҳ шуда тақозои ирсоли А.-ро кард. А. бо амри халифа муддате дар Бағдод зиндонӣ буд. А. фарди фозил ва донишдӯсте буд ва ӯро бархе аз шуарои асри сомонӣ мадҳ ҳам кардаанд. Чунончи, Рудакӣ дар бораш гуфтааст:

Амр ибн ул-Лайс зинда гашт ба-д-ӯ боз,
Бо ҳашами хешу он замонаи эшон.

А.-ро ҳамроҳ бо бародараш ҳомии нахустин шуарои форсигӯй гуфтаанд. Пас аз қатли А. давлати саффориён дигар он қудрати собиқро наёфт.

Л. Бойматов.

АМРДӢД, номи фариштаи ва номи моҳи панҷуми солшумории зардуштӣ, ки мувофиқи солшумории милодӣ аз 23 июл то 22 авг-ро фаро мегирад. Фариштаи А. сифати бемаргӣ, ҷовидонии *Аҳура Маздо* мебошад ва ба мардумон пиндору гуфтору кирдори нек меоварад. Он дар олами моддӣ нигаҳбони олами наботот ва ҳуми сафед мебошад. Ба бовари ориёиҳо касоне, ки дар моҳи А. таваллуд мешаванд, фариштаи А. сарпарасти онҳост. Ин афрод умри дароз дида хушбахтанд ва ба мурод мерасанд.

Ю. Яъқубов.

АМРИЛЛӢЕВ Муродулло Амониллоевич (тав. 5. 5. 1972, ш. Душанбе), шашкабоз, аввалин гроссмейстери байналмилалӣ (2007) аз байни тоҷикон, гроссмейстери Федератсияи Россия (1998). Хатмкардаи Академияи давлатии варзиши Урал (Федератсияи Россия; 2003). Чемпиони чандинкаратаи Тоҷикистон. Аз с. 1996 дар Ҷумҳурии Мухтори Бошқирдистони Федератсияи Россия кору зиндагӣ мекунад. Чемпиони ҷаҳон оид ба шашкаи русӣ (1993), се карат чемпиони ҷаҳон оид ба бозии тези (блитс) шашкаи русӣ (1995, 2005, 2006), ду карат дорандаи Ҷоми чемпионҳои Европа (2000, 2001), ду карат ғолиби чемпионати клубии Европа оид ба шашкаи русӣ (2005, 2006), дорандаи чандин Ҷоми конфедератсияи Европа (2000 – 09), медалҳои биринҷии чемпионатҳои ҷаҳон (2007, 2008) ва чемпионатҳои Европа (2009 – 10) оид ба шашкаи байналмилалӣ.

АМРНОМӢИ ПРОКУРӢР, ҳуҷҷати назорати прокурорӣ. Прокурор бо мақсади бартараф кардани вайронкунии дағалонаи қонун ё пешгирӣ намудан аз вайронкунии қонун, ки боиси расондани зарари ҷиддӣ гардидааст, ба унвони мақомоти ба вайронкунии қонун роҳдода, ё шахси мансабдори ин мақомот, ё мақомоти болоии ин мақомоти зери тобеияти ӯ буда ба тариқи хаттӣ ин ҳуҷҷати назоратиро фиристода, хоҳиш менамо-

яд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро фавран баррасӣ намуда, баҳри бартараф кардани онҳо чораҳо андешида, ба прокурор хабар диҳад (моддаи 27 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ»).

АМРӮД, наг. *Мурӯд.*

АМСИЛА́, тарҳ, макет, 1) нусхаи хурди ягон чиз; 2) дар меъморӣ нусхаи хурди аз чӯб, гач, пластмасса, картон ва дигар масолеҳ тайёршудаи бино, иншоот, ансамбли меъморӣ, шаҳр ва ғ., ки сохтмонаш дар назар дошта шудааст. Ин усул барои санҷидану такмил додани композитсияи меъморӣ (муттаҳид намудани ҳолатҳои хусусӣ ва алоҳидаи шакли бадеӣ, таносуб ва чобаҷогузории ҳаҷм ва ғ.) имкон медиҳад; 3) нусхаи ҳаҷман хурди ороиш (декоратсия) барои саҳнаи театр ва филмбардорӣ, ки аз рӯи ангораи рассом тайёр карда мешавад; 4) дар полиграфия намунаи пешакӣ тайёркардаи китоб, маҷалла ё газета барои дуруст ҷо ба ҷо кардани матну суратҳо. *Т. Ҷӯраев.*

АМСИЛА́ (мисл, монанд, намуна), модел, дар мантиқу методологияи илм тимсол (нақша, таркиб, системаи аломатҳо), ҷузъи муайяни воқеияти табиӣ ё иҷтимоӣ, намунаи тамаддуни башарӣ ва ҳосилаи асосии назариявист. Ин намуна барои ҳифз ва васеъ кардани дониш (маълумот), барқарор кардани нусхаи асл, дигаргун сохтан ё идора намудани он хизмат мекунад. Дар фалсафа А. тимсоли шартии ягон объект ё маҷмӯи объектҳо аст, ки баҳри ифодаи дониши инсон барои объектҳо ва худи объектҳо таъйин шудааст. Аз нуқтаи назари гносеологӣ А. «намоянда» ва «ҷонишин»-и нусхаи асл дар маърифат ва амалия аст. Натиҷаҳои тадқиқу баррасиҳои А. дар шароити муайян (дар мантиқу методологияи муайянкардашуда, махсусан соҳаю навъҳои гуногуни А. мебошад) бо нусхаи асл монанд карда мешавад. Аз нуқтаи назари мантиқ бошад, чунин монандӣ ба муносибати изоморфизм (ягонагӣ) ва гомоморфизм (монандӣ) аст, ки байни А. ва он чи ки ба тавассути А. месозанд, вуҷуд дорад ё ба муносибати умумитари онҳо асос ёфтааст. Мисоли он чунин аст: системаи М амсилаи системаи М аст, дар сурате, ки образҳои гомоморфии М ва М байни худ изоморфии ин система вуҷуд дошта бошад (ин ҷо изоморфизму гомоморфизм ҳодисаҳои хусусии муносибати мазкур мебошанд: якум, ҳангоми айнияти М бо М ва М бо М ва дуюм ҳангоми айнияти унсурҳо дар яке аз чуфтҳо ҳосил мешаванд). Ин муносибат мисли изоморфизм ва муносибати баробарӣ мебошад ва ба муносибати амсилавӣ хусусияти нисбӣ медиҳад, зеро дар интихоби нусхаи асл вобаста ба вазифаи мушаххас масъала мегузорад (мас., ҳангоми нуқтаи назарҳои мухталиф А. ҳам тасвири фазоии (аэрофотосуратгирӣ) маҳал ва ҳам худи маҳал шуда метавонад). Ин вазъият бо амалияи илмии истифодаи истилоҳи А. мувофиқат мекунад: системаи тасдиқи аксиомаҳо, муодилаҳо, ки дар тасвири баъзе соҳаҳои воқеӣ ё абстрактии объектҳо дар физика, космология, лингвистикаи математикӣ, иқтисодиёти математикӣ, кибернетика барин илмҳо хизмат мекунад, А. ном дорад, дар сурате ки дар мантиқ ва математика ин истилоҳ маъноибаръакс дорад. Таҳти мафҳуми А. ин ҷо таъбири системаи қоидаҳои мантиқиву математикӣ фаҳмида мешавад. Омӯзиши чунин таъбиру таъвил дар семантикаи мантиқӣ, инчунин дар назарияи амсилаҳои мантиқӣ амалӣ мешавад, ки дар он зери мафҳуми А. унсурҳои бисёри озоди дорои вазифаҳою хабарҳои муайян фаҳмида мешаванд. Вале новобаста ба он ки монандӣ кадом узви муносибат аст, нусхаи асл ҳамчун А. баррасӣ мегардад. А. ҳамеша роли маърифатиро бозида, чун воситаи шарҳу тафсир, пешгӯӣ ва *эвристика* истифода мешавад. А.-ро вобаста ба хусусияти амсилаҳо ба ашёӣ, аломати физикавӣ, метематикавӣ ва ғ. тақсим мекунанд. Шаклҳои А. ҳархела буда, ба амсилаҳои истифодашаванда ва соҳаи истеъмоли А. вобаста аст. Агар тадқиқот дар амсилаҳое гузаронда шавад, ки тавсифҳои муайяни геометрӣ, физикӣ, динамикӣ ё вазифаҳои объекти А.– нусхаи аслро таҷдид кунанд, А.-и ашёӣ номида мешавад. Дар А.-и аломатӣ нақшаву расмҳо, формулаҳо, ҷумлаҳо дар баъзе алифбоҳо (забонҳои табиӣ ё сунъӣ) ва ғ. ҳамчун А. хизмат мекунанд. Навъи муҳимтарини чунин А. А.-и математикавӣ (мантиқиву математикавӣ) мебошад, ки ба тавассути васоити ифоданоку дедуктивӣ (истиқроӣ)-и математикаю мантиқ гузаронда мешавад. Азбаски фаъолият бо аломат ҳамеша ба ин ё он андоза бо фаҳмиши таркибҳои аломатӣ ва дигаргуншавии онҳо алоқаманд аст, сохтани амсилаҳои аломатӣ (ахборӣ) ё порчаҳои он бо аломатҳои фикрию аёнии тасаввуршаванда ва ё амалияи байни онҳо иваз шуданаш мумкин аст. А.-и ашёӣ ва «ғоявӣ» («фикрӣ») аз якдигар фарқ доранд. Ин фарқ шартӣ бошад ҳам, А.-и якумро ҳамчун «таҷрибавӣ», А.-и дуюмро ҳамчун «назариявӣ» таъбир мекунанд. Ба А.-и ашёӣ А.-и табиӣ ва математикавӣ, ба А.-и «ғоявӣ» А.-и аломатӣ дохил мешаванд. Аз рӯи хусусияти ҷихати объект, ки таҳти А. қарор мегирад, А.-и таркибӣ ва А.-и амалиётро аз ҳам фарқ мекунанд. А. бо тафаккури назариявӣ ва фаъолияти амалӣ сахт алоқаманд аст. Ин на танҳо яке аз воситаҳои инъикоси ҳодисаҳо ва равандҳои воқеият, балки меъёри санҷиши дониши илмӣ мебошад, ки бевосита ё ба тавассути муайян кардани муносибати амсилаи баррасишаванда бо амсилаи дигар амалӣ мегардад ё назарияе мебошад, ки монандии он амалан асоснокшуда ҳисобида мешавад.

АМСТЕРДА́М (нидерл., голл. Amsterdam), пойтахти расмӣ (ҳукумат дар Гаага ҷойгир аст) ва шаҳри бузургтарини Нидерланд, бандари баҳрӣ ва маркази муҳими иқтисодию мадании мамлакат. Аҳолиаш 761395 нафар (бо атрофаш) ва бо қисми агломератсияи Рандстад 2,2 млн нафар; гуногунмиллат (177 миллату халқият), сернуфустаринашон суринамҳо, марокашиҳо ва туркҳо. А. дар резишгоҳи д. Амстел, назди халиҷи Эйсселмер воқеъ гардида, мавқеи мусоиди нақлиётию географӣ дорад. Каналҳои сершумор, шоҳроҳҳои автомобилгард, р. о. А.-ро бо Гаага, Роттердам, Баҳри Шимолӣ ва д. Рейн мепайвандад. А. калонтарин ва баъди Роттердам дуюмин бандари бузургтарини ҷаҳон (гардиши бор 70,4 млн т, 1 млн контейнер дар як сол маълумот, с. 2010) буда, пешбандараш дар Баҳри Шимолӣ воқеъ аст. Дар А. саёҳати баҳрӣ (то 100 ҳазор сайёҳ дар мавсим) ва дарёӣ (то 60 ҳазор) ба роҳ монда шудааст. Метрополитен дорад. А. дорои аэропорти байналмилалии Схипхол (яке аз даҳ аэропорти бузургтарини олам) аст. Аввалин бор чун маркази тиҷоратӣ ва молиявӣ с. 1275 номбар шуда, солҳои 1975 – 1806 пойтахти Республикаи Батав ва аз 1806



Манзараи шаҳр.

пойтахти Шоҳигарии Нидерланд мебошад.

А. имрӯз яке аз марказҳои муҳими муносибатҳои иқтисодии Европа аст. Дар он қароргоҳи чандин ташкилотҳои байналхалқӣ ва саридораҳову намояндагиҳои зиёда аз 1,8 ҳазор ширкатҳои хориҷӣ, беш аз 70 намояндагии бонкҳои пешрави хориҷӣ мавҷуданд. Аз с. 2000 инҷониб дар А. қароргоҳҳои Иттиҳодияи биржавии «Euronext» (баъди биржаи Лондон 2-юмин дар ҷаҳон, бо гардиши солонаи 2,3 трлн евро), ING Group, TNT Ekspress, Philips ва ғ. воқеъ гаштаанд. А. яке аз бузургтарин дар ҷаҳон маркази сайқалдиҳӣ ва савдои алмос, тарғибу интишори мӯди олӣ, парваришу савдои гул мебошад. Корхонаҳои асосии саноатӣ дар атрофи шаҳр ҷой гирифтаанд. Соҳаҳои муҳимтарини саноати А.: хӯрокворӣ, пивопазӣ (қароргоҳи компанияи «Heineken»), полиграфӣ, мошинсозӣ, электротехникӣ, электронӣ, химия, истеҳсоли маҳсулоти нефт, чӯбгарӣ, дӯзандагӣ. Дар А. академияи илмҳо, якчанд ин-тҳои тадқиқоти илмӣ, зиёда аз 20 маркази илмию тадқиқотии соҳаи информатика, тибби биологӣ, илмҳои гуманитарӣ, ду донишгоҳ фаъолият доранд. А. маркази туризми коршиносӣ ва омӯзишӣ низ аст (соле беш аз 4 млн сайёҳ). Дар А. соле зиёда аз 40 конференсия, намоишгоҳ ва симпозиумҳои байналмилалӣ баргузор мешаванд. А. зиёда аз 300 меҳмонхонаи дараҷаи гуногун дорад. Дар А. 8 ҳазор ёдгориҳои таърихӣ ва ҷойҳои тамошобоб, 141 нигористони бадеӣ, 42 музей, 45 кинотеатр, 55 театр ва толори консертӣ ҳастанд. А.-ро Венетсияи Шимолӣ низ меноманд. Дар он 28 боғ (Фонделпарк, Сарфатипарк ва ғ.), 165 канал ва 1281 кӯпрук мавҷуд аст. Боғи ҳайвоноташ 6 ҳазор намуд ҳайвон дорад. Биноҳои ҷолибаш бо услубҳои ба ном «эҳёи голландӣ», класситсизм, готикаи нави нидерландӣ ва ғ. бино шудаанд: хонаҳои савдогарон (дар соҳили каналҳо), ратуша (ҳоло қасри шоҳ), бинои Музейи давлатӣ, калисоҳои Ҷанубӣ, Шимолӣ, Ғарбӣ, бинои Компанияи Ост-Инд ва ғ. Соли 1928 дар А. Бозиҳои олимпии 9-ум баргузор гардида буд.

АМӮ, О м у , Ҷ а й ҳ у н (лот. Oxus), калонтарин дарё дар Осиёи Марказӣ. Дар қисми болообаш Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Ба он Вахш, Кофарниҳон, Сурхон, Кӯкча ва Қундуздарё мерезанд ва сипас номи А. мегирад. Дар Афғонистон обёрӣ мешаванд. Соли 1962 канали Қароқум ба номи Ленин (дарозиаш 800 км) ба истифода дода шуда, оби А. то ба Ашқобод бурда шуд. Ҳамин тавр, дар воҳаҳои Мурғоб ва Таҷани Туркманистон 170 ҳазор га замини нав обёрӣ гардид. Барои обёрии заминҳои Бухоро с. 1962 канали Аму – Қарокӯл, с. 1965 канали Аму – Бухоро канда шуд. Оби А. ба воситаи насосҳои пуриқтидор ба системаи обёрии дашти Қаршӣ равон гардид. А. аҳамияти нақлиётӣ низ дорад. Аз Тирмиз то поёноби А. дарё киштигард мебошад. Дар ҳудуди Тоҷикистон киштӣ то Панҷи Поён ҳаракат карда метавонад. Қисми киштигарди дарё (бо Панҷ) бештар аз 1400 км-ро ташкил медиҳад. Ба воситаи А. маҳсулоти саноати нефт, чӯбу тахта, нуриҳои минералӣ, пахта ва ғ. кашонда мешавад. Муҳимтарин бандарҳои А. Тирмиз, Каркӣ, Чорҷӯй ва Нукус мебошанд. Дар ҳавзаи А. давлатҳои қадими Осиёи Марказӣ – Хоразм, Суғд ва Бохтар ҷой гирифта буданд. Тадқиқи А. асосан аз охирҳои а. 19 оғоз ёфт. Дар ҳудуди Тоҷикистон аз болои д. Панҷ якчанд кӯпрукҳои пуриқтидор сохта шудаанд, ки барои рушди робитаҳои иқтисодии Тоҷикистону Афғонистон аҳамияти муҳими стратегӣ доранд.



Амударё. Пули байни Тоҷикистон ва Афғонистон.

китоби Авесто бо номи Дойтиё маълум аст, ки дар Ориёнвиҷ ё худ Ориён Ваеҷа ҷорӣ мешавад. А. оқибат ба Баҳри Арал мерезад. Дарозиаш 1415 км, аз саргаҳи Панҷ – 2540 км. Масоҳ. ҳавзааш то ш. Каркӣ 309 ҳазор км^2 (ғайр аз ҳавзаҳои Зарафшон ва Қашқадарё). Майдони обҷамъшавӣ (якҷоя бо ҳавзаҳои Зарафшон ва Қашқадарё) 227 ҳазор км^2. Қисми асосии оби А. аз дарёҳои Панҷ ва Вахш аст, ки сароби онҳо – пиряхҳо ва барфҳои доимӣ дорад (масоҳ. пиряхҳо қариб 8 ҳазор км2). Аз ҷойи пайваст шудани дарёҳои Панҷу Вахш то тангнои Илчик (байни Келиф ва Каркӣ) бари водии ҳозираи А. аз 4 то 25 км аст. Баъди аз тангно гузаштани он бари водӣ 2 – 4 км мешвад ва дарё ба сӯи шим. ғарб тоб хӯрда минбаъд аз байни биёбонҳои Қароқум ва Қизилқум ҷорӣ мегардад. Дар тангнои Туямуюн А. аз таҳнишастҳои аллювиалии делтаи қадима мегузарад. Минбаъд водии дарё васеъ шуда, бари он ба даҳҳо км мерасад; делтаи ҳозираи А. аз деҳаи Тахиатош сар мешавад. 180 км-и аввали А. шохобҳо дорад, дар масофаи боқимонда оби он барои обёрӣ сарф мегардад, қисман бухор ва дар поёноб камоб мегардад. Шохобҳои асосиаш – Вахш, Кофарниҳон, Сурхондарё ва Сурхон, Қундуздарё ва Кӯкча. Истифодабарии оби А. барои обёрӣ, одатан, аз март сар шуда, моҳҳои июн – авг. ба дараҷаи баланд мерасад. Сарфи солонаи об дар моҳҳои янв. – февр., дар баъзе солҳо моҳи март ҳам кам аст. То с. 1960 сарфи миёнаи об дар назди ш. Каркӣ дар як сон. 2000 м^3-ро ташкил медод. Оби А. тира аст (3,3 кг/ м^3). Поёноби А. ях мебандад, дар ҳаволаи ш. Нукус он тақр. 4 моҳ ях мекунад. Соҳилҳояш, хусусан поёноби он тӯқай чакалакзор (санҷид, сафедор, газ, най ва ғ.). Дар А. моҳӣ бисёр аст: лаққамоҳӣ, хормоҳӣ, белбинӣ, зағорамоҳӣ ва ғ. А. ва шохобҳои он барои обёрӣ аҳамияти калон доранд; аз он заминҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва

АМӮД (ар. – сутун), 1) навъи олоти ҷангии қадима; 2) сутуни хайма; 3) дар математика *перпендикуляр.*

«АМУДАРЁ», маҷаллаи эронӣ оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ ва Кавказ. Аз тобистони с. 1992 дар Теҳрон дар се моҳ як маротиба ба забони форсӣ нашр мегардад. Аз баҳори с. 1999 ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ чоп мешавад. Дар маҷалла нуқтаи назари донишмандон, дипломатҳо ва муфассирони сиёсии эронӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ оид ба масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Кавказ пешкаши хонандагон мегардад. Матолибро барои «А.» Маркази омӯзиши Осиёи Марказӣ ва Кавкази Вазорати корҳои хориҷии ҶИЭ омода менамоянд. Таърих, фарҳанг, санъат, адабиёт, дину анъанаҳои мардуми ин минтақаҳо ҳазорсолаҳо муштаракан ташаккул ёфта, таҳқиқи онҳо барои муайян кардани мавқеи ин кишварҳо ва мардумашон дар пешбурди ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Дар «А.» ба таъриху тамаддуни мардуми тоҷик таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешавад.

А́МУНДСЕН (Amundsen) Руал (16. 7. 1872 – 18. 6. 1928), қутбнаварди ва



тадқиқотчии норвегӣ. Бори аввал (1903 – 06) дар киштии «Йоа» ба воситаи гузаргоҳи Шим. Ғарбӣ аз Гренландия ба Аляска шино кард. Дар давоми ду сол дар ҷаз. Кинг-Вилями Арктикии Канада тадқиқоти муҳими геомагнитӣ гузаронд. А. с. 1904 дар нимҷаз. Бутия-Феликс Қутби магнитии шимолиро омӯхт ва аввалин шуда қариб 100 ҷазираи атрофи онро ба харита дохил кард. Соли 1911 бо киштии «Фрам» ба экспедитсияи антарктикӣ баромад; 14 – 16 дек., 1 моҳ пеш аз экспедитсияи тадқиқотчии англис Р. Скотт ба Қутби Ҷанубӣ расид ва дар бозгашт қ-кӯҳи Маликаи Муд (баландиаш 4500 м)-ро кашф намуд. Баъди аз Антарктика баргаштан А. дрейфи Ф. Нансенро такрор карданӣ шуда, с-ҳои 1918 – 20 бо киштии «Мод» аз Норвегия қад-қади материки Евроосиё то гул. Беринг шино кард. Соли 1926 ба якумин парвози трансарктикии Шписберген – Қутби Шимолӣ – Аляска (ба тавассути дирижабли «Норвегия») роҳбарӣ намуд. Соли 1928 ҳангоми ҷустуҷӯи экспедитсияи италиявии У. Нобиле дар Арктика ҳалок гардид. А. дар бораи саёҳатҳои худ якчанд асар навиштааст: «Парвоз аз болои Укёнуси Яхбаста» (1927, бо ҳамроҳии Л. Элсварт таълиф шудааст), «Экспедитсия дар киштии «Мод» қад-қади соҳилҳои шимолии Осиё» (1929), «Қутби Ҷанубӣ» (1937). Асарҳои мунтахаб (5 ҷилд, 1936 – 39) ва «Ҳаёти ман» (1959) ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Баҳр дар наздикии Антарктида, кӯҳ ва пойгоҳи қутбии америкоӣ (Амундсен – Скотт), инчунин халиҷ дар Укёнуси Яхбастаи Шимолӣ ба номи А. гузошта шудаанд.

АМУ́Р (ин номро а. 17 кашшофони рус додаанд; муғулӣ Хара-Мурэн – сиёҳдарё), калонтарин д-и Шарқи Дур. Аз як шудани д-ҳои Шилка ва Аргун оғоз ёфта, ба халиҷи Амури Баҳри Охота мерезад. Дарозиаш 2824 км, аз саргаҳи Аргун (Хайлар) 4440 км. Ҳавзаи А. дар ҳудуди 3 давлат – Россия (54%), Хитой (44,2%) ва Муғулистон (1,8%) воқеъ буда, 1855 ҳазор км^2 масоҳат дорад. Қисми зиёди ҳавзаи А. дар Россия (вил-ҳои Чита, Амур, Вилояти Мухтори Яҳудиён ва кишвари Хабаровск) ҷорӣ мешавад. Шабакаи гидрографии А. 10610 дарё ва 61426 кӯлро дар бар мегирад. А. дар болообаш аз водии тангу чуқур бо суръат ҷорӣ гашта, баъди ҳамроҳ шудани Зея аввал ҳамвории Зея-Бурея, пас қ-кӯҳи Хингани Хурдро бурида мегузарад ва ба пастии Амури Миёна мебарояд. Дар ин ҷо ҷараёни А. суст ва ба шохаҳо тақсим шуда, то резишгоҳ аз водии васеъ ҷорӣ мешавад. А. ҳар қадар поёнтар равад, фарох ва бузургтар гашта, паҳноии он дар ҷараёни поёнаш то 4 – 6 км мерасад. Дар резишгоҳ тунукоби (лимани) васеъ ба вуҷуд овардааст, ки 48 км тӯл мекашад. Қариб 80 фоизи манбаи оби А. аз боронҳои тобистону тирамоҳ аст. Дар давраи боронгарӣ А. тугён карда, аз соҳилҳо мебарояд ва бари он аз 10 то ба 25 км мерасад. Давраи камобиаш – ох. зимистон. Ноябр ях баста, яхи болообаш моҳи май ва поёнобаш апр. об мешавад. Шохобҳои калонаш: Зея, Бурея, Амгун – аз чап, Сунгарӣ, Уссурӣ – аз рост. Захираи энергетикии А. бузург буда, иқтидори потенсиалии ҳавзаи он ба 45 млн кВт ва иқтидори энергияи саноатиаш ба 15 млн кВт мерасад. Аз ҷиҳати гуногунии моҳӣ (108 намуд) А. дар Россия ҷойи аввалро мегирад. Дар он калуга – бузургтарин моҳии дарёӣ вомехӯрад. Моҳиҳои шикорбобаш кета, горбуша, тосмоҳӣ, лаққамоҳӣ, белугаи амурӣ ва ғ. Тамоми А. киштигард буда, муҳимтарин роҳи обии Шарқи Дур аст. Дар соҳили А. ш-ҳои Амурск, Благовешенск, Хабаровск, Комсомолски Амур, Николаевски Амур (Россия) ва Хэйхэ (Хитой) воқеанд. Ҳавзаи А. конҳои ангишт, тилло дорад. Солҳои охир дар натиҷаи сохтани сарбандҳо дар соҳили рост, наздикиҳои Хабаровск оби А. кам, дар шохобҳои Бешеная ва Пемзенская баръакс зиёд шуд. Дар ин шохобҳо аз с. 2005 корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба роҳ монда шудааст, то хатари зери об мондани иншооти гидротехникӣ, маҳалҳои аҳолинишини соҳили чапи А. бартараф карда шавад. Фаъолияти истеҳсолӣ дар соҳили муқобил (Хитой) ба солимии экологии А. таъсир расонда, дар таркиби об нефт, фенол, нитрат ва дигар унсурҳои микробиологӣ аз меъёри ҷоиз зиёд шуда истодааст.

АМУ́Р (франс. amour, аз лот. amor – муҳаббат), худои муҳаббат, *Купидон*. Дар асотири Рими Қадим низ маъноияш ҳамчунин аст. Бо қаҳрамони асотири Юнони Қадим *Эрот,* ки тирандози моҳир буда боли парвоз дошт, айният дорад.

АМФИБОЛИ́Т, ҷинси кӯҳии метаморфии тираранг, ки асосан аз *амфибол* ва плагиоклаз иборат буда, баъзан *бедҷода* ҳам дорад. Навъҳои сиёҳранги А. барои кошинкорӣ ва резакорӣ истифода мешаванд.

АМФИБО́ЛҲО, гурӯҳи минералҳои ҷинсофарин – пайвастҳои силикатии магний, оҳан, калсий, гоҳо алюминий ва ишқорҳо, ки об, фтор ва хлор доранд. Дар системаҳои моноклинӣ ва ромбӣ кристалл мебанданд. Бештар дар шакли кристаллҳои призмавӣ, сӯзаншакл ва нахмонанд вомехӯранд. А. сиёҳ, сабз, кабуд, сиёҳтоб ва беранг шуда метавонанд. Сахтиашон 5,0 – 6,0; зичиашон 2800 – 3600 кг/м^3. Аксар ба таркиби ҷинсҳои метаморфӣ (*амфиболит*) ва фишонда (габрро, диорит) дохил мешаванд. Ба А. минералҳои тремолит, актинолит, глаукофан, арфведсонит, антофиллит ва ғ. мансубанд. Хелҳои маҳиннахи А. – амфибол-асбестро (ниг. *Асбест*) ҳамчун масолеҳи гармию кислотатобовар ба кор мебаранд.

АМФИСБЕ́НАҲО (Amphisbaenidae; аз юн. amphis – аз ду тараф ва baino – меравам;), навъе аз хазандаҳо. Тақр. 140 намуд доранд. А. дар Америкаи Ҷанубӣ, Мексика, Африка, Европаи Ғарбӣ паҳн гаштаанд. Хусусан А.-и ҷинси Amphisbaena сершуморанд (100 намуд мебошанд). А.-ҳо бештар ҳаёти зеризаминӣ доранд. Ҷонварони кирмшакл буда, дарозиашон ба 35 – 70 см мерасад. Чашмони А. дар зери пӯст ҷой гирифта, зоҳиран доғҳои тираро мемонанд. Думашон хеле кӯтоҳ аст; бештарашон по надоранд. Ғизои А. ҳашарот, ҳазорпоён, арза (навъи кирм) ва дигар мавҷудоти бемӯҳра мебошанд. Дар зери замин то 2 – 6 дона тухм мегузоранд.



Амфисбенаҳо.

АМФИТЕА́ТР (аз юн. amphitheatron), 1) дар Юнон ва Рими Қадим иншооти азими барои тамошои умумӣ: ҷанги гладиаторҳо ва ҳайвоноти ваҳшӣ, намоиши театрӣ. А. сохтмони бузурги эллипсмонандест, ки дар мобайн саҳна дорад, дар атрофи он ҷойҳои тамошобинон зина-зина баланд шуда мераванд. А. қисман дар



Амфитеатри Душанбе.

Рим (Колизей), дар Верона ва дигар ш-ҳои Империяи Рим боқӣ мондааст; 2) дар театрҳои ҳозира А. ҷоест, ки пас аз партер зина-зина баланд шуда меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004 бахшида ба 80-солагии пойтахти тоҷикон – ш. Душанбе ва соли 2006 дар ш. Кӯлоб ба муносибати 2700-солагии Кӯлоб А.-и замонавӣ сохта ба истифода дода шуд.

АМФИУ́МА (Amphiuma means), ҷонварест обхокии думдор. Тани дарози (то 1 м) сиёҳаш ба мормоҳӣ монанд аст. Пойҳояш майда, 2 – 3 ангушти хурду бекувват дорад. Дар ботлоқзорҳои қисми ҷанубу шарқии Америка дучор меояд. Дар хушкӣ низ метавонад зиндагӣ кунад. Асосан шабона фаъол мешавад. Ғизои А. харчангшаклҳо, нармбаданҳо ва моҳиҳо мебошанд. Авв. баҳор ҷуфт шуда, ох. тобистон то 150 дона тухм мегузорад.

АМФОТЕРИЯ́Т (аз юп. amphoteros – ҳам ину ҳам он), қобилияти баъзе моддаҳо, ки вобаста ба шароит дар онҳо хосияти кислотаҳо ё асосҳо зоҳир мегарданд. Моддаҳои амфотерро амфолитҳо низ меноманд. Дар молекулаи электролитҳои амфотерӣ устувории банди байни металл ва оксиген аз устувории банди байни оксиген ва гидроген чандон фарқ намекунад. Диссотсиатсияи чунин молекулаҳо эҳтимол аз рӯи ҳардуи ин бандҳо ба амал меояд. Ҳамин тавр, дар маҳлули электролити амфотер мувозанати мураккаби ҳам маҳсули диссотсиатсияи кислота ва ҳам маҳсули диссотсиатсияи асос мавҷуд аст. Ба электролитҳои амфотер гидрооксидҳои алюминий, хром, руҳ ва баъзе элементҳои дигар мисол мешаванд.

Дар ширкати кислота диссотсиатсияи навъи асос, дар ширкати асос диссотсиатсияи навъи кислота бартарӣ дорад. А. дар баъзе пайвастҳои орга никӣ низ мушоҳида мешавад. Мас., сафедаҳо электролитҳои амфотерӣ мебошанд. А.-и бисёр пайвастҳоро дар таҳлили химиявӣ истифода мебаранд.

Ад.: Некрасов Б. В., Основы общей химии, т. I, М., 1969; Глинка Н. А., Общая химия, Л., 1981; Ахметов Н. С., Общая и неорганическая химия, М., 2001. *М. Самиев.*

АМШОСПАНДО́Н дар таълимоти зардуштия аввалин офаридаҳои муҷарраду муқарраб ва муқаддаси Аҳура Маздо. Аз ҷиҳати миқдор А. шаш адад буда, адабиёти зардуштӣ гоҳо «Спента майню»-ро ҳамчун сарпараст ба он ҳамроҳ мекунанд ва гоҳо низ худи Аҳура Маздоро дар раъси А. қарор дода, миқдори онро ба 7-то мерасонанд. Аз ин рӯ, адади 7 (7 табақаи замин, 7 табақаи осмон, 7 кишвар, 7 иқлим, 7 хони Рустам, 7 гунбади сипеҳр, 7 ормони порсоӣ ва г.) дар ойини зардуштӣ маънои қудсӣ пайдо кардааст. А. асоси фаришташиносии ойини зардуштӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо дар олами улвӣ (миноӣ) мазҳари исму сифатҳои Аҳура Маздоро ифода карда, боиси ба вуҷуд омадани олами муҷаррад ва моддӣ (гетӣ) мегарданд. Номи онҳо аз 6 номи моҳҳои 12-гонаи Эрони бостон гирифта шудаанд ва ҳар яке аз онҳо як «фариштa-худо» шинохта шудаанд. Аввалин офаридаи Аҳура Маздо Воҳу Мана (Воҳу – нек ва Мана – андеша) ё Баҳман (номи моҳи 11-уми солшумории ҳ. ш.) мебошад. Он барқароркунандаи робитаи байни олами миноию гетӣ аст. Баҳман ҳамон фариштаест, ки бо пайғамбари ойини зардуштӣ ваҳйи аҳуроиро оварда буд ва чун асоси ҳастӣ дар зардуштия бар пояи хайру некӣ қомат афрохтааст, Воҳу Мана, ҳамчун андешаи нек, аввалин шакли муҷарради олами моддии аз нури аҳуроӣ содиршуда мебошад. Аз ин рӯ, дар олами моддӣ низ бо ҳамин сон андешаи неки инсонӣ, ки отифаи аҳуроӣ дорад, воситаи асосии таҷдиду такомули он хоҳад гардид. Ҳар як амшоспанд вобаста ба хусусиятҳои зотиаш муваккилу нигаҳбони навъҳои гуногуни ҳастии олами моддӣ мебошад ва бо мунтақили ин хусусиятҳои зотӣ ба олами гетӣ силсилаи мақулаҳои ахлоқӣ арзи вуҷуд менамоянд. Ба ин маънӣ, Воҳу Мана дар олами моддӣ ҳомӣ ва муваккилу нигаҳбони ҳайвонот (галаву рама) ва инсон мебошад, ки аввалӣ ишора ба ҳаёти соҳилнишинӣ мекунад ва дар дуюмӣ одамиро то ба дараҷаи инсони комил расиданаш ҳикоят менамояд. Амшоспанди дуюм Аша Ваҳишта (Урдубиҳишт) аст. Он ҳамчун ифодаи беҳтарин ростӣ ва нерӯи кӯшишу муҷоҳида барои маърифат ва шинохти низоми волои аҳуроӣ дар олами миноӣ, муваккилу нигаҳбони оташ дар олами моддӣ мебошад, чун оташ мазҳари хулусу покӣ, беолоишӣ ва мазҳари равшаноию нури худовандӣ аст. Амшоспанди сеюм Хшатра Вайриа (Шаҳривар) ба маънои тавоноии баргузида мебошад, қудрату фармонравоӣ ва салтанати шаҳриёрӣ дар беҳтарин кишвари баргузидаро ифода мекунад. Шаҳриёрӣ дар кишвари неки ормонӣ додаи Худованд ба шакли хирадманду накӯкор, росткору созанда ва бархурдор аз қудрати ҳомии филизот мебошад, зеро он дар устуворӣ ба мисли осмон аст ва осмонро буну гавҳар ба мисли обгунагии филизот будааст. Спента Армаитӣ (Сипандормуз) амшоспанди чаҳорум аст, ки маънои таҳтуллафзиаш хиради комил ва мазмуни истилоҳиаш расидан ба хушбахтӣ ва даст ёфтан ба номи неки абадист. Инсон вақте метавонад ростӣ ва росткориро пеша кунад, ки маниши пок ва ишқи ноб ба офаридаҳои Аҳура Маздо дошта бошад. Аз ин рӯ, Спента Армаитиро метавон муҳаррики хубию некӣ ва покӣ дар ҷисми инсон шуморид. Он дар олами миновӣ манбаъ ва маншаи фурӯтаниву тавозӯъ, порсоии муқаддас ва нерӯи камолу андешаи фараҳбахш буда, дар олами моддӣ муваккилу нигаҳбони замин ва барзгарию кишоварзӣ мебошад. Ҳоурутот амшоспанди панҷум буда, маънои расоии комил ва мазмуни саодату беҳрӯзии инсон, нерӯи камолот ва ҳуввияти худшиносии инсонро дар худ таҷассум менамояд. Такомули порсоии аҳуроӣ инсонро ба ҷовидонию бемаргӣ мерасонад. Он ҳомию муваккили обҳои равону пок мебошад, ки заминро шодобу киштаро ба бӯстон табдил медиҳад. Дар адабиёти зардуштӣ Ҳоурутот бо Амретот (Амредод), ки бемаргию ҷовидониро ифода мекунад, якҷоя ҳамчун сифатҳои беоғозу беанҷом ва ҷовидонии Худованд баррасӣ шудаанд. Зеро Амретот ҳамчун шашумин амшоспанд баҳори зиндагиеро мемонд, ки инсон барои ҳамеша по ба кишвари фурӯғи Аҳура Маздо мегузорад. Он дар олами моддӣ муваккилу нигаҳбони гиёҳону наботот мебошад.

А. мавҷудоти муқаддасанд ва аз худоёни инсон инсонгунаи тозардуштӣ, ки дар эзидкадаи (пантеон) оини зардуштӣ ба унвони фариштаҳои ёвари Аҳура Маздо дохил шудаанд, фарқ доранд.

Ад.: Брагинский И. С., Иранское литературное наследие, М., 1985; Ҳазратқулов М., Ориёниҳо ва тамаддуни ориёӣ, Д., 2006; Ҷалолуддини Оштиёнӣ, Зардушт, Маздаясно ва ҳукумат. Т., 1374; Ҳошими Розӣ,

Ҳикмати Хусравонӣ, Т., 1379; Абулқосими Партав, Андешаи фалсафии эронӣ, Т., 1973.
М. Ҳазратқулов.

АМЪА́ҚИ БУХОРОӢ Абунаҷиб Шиҳобуддин (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1147/48), шоири форс-тоҷик. Пас аз хатми таҳсил ва касби камол аз Бухоро ба Самарқанд рафт ва ба хидмати *Қарахониён* дохил шуд. Дар замони Хизрхони Иброҳим (ҳукмр. 1046/47 – 68) ба мақоми маликушшуароӣ расид. Бештар аз сад сол умр дидааст. Ашъори А. Б.-ро муҳаққиқи эронӣ Саид *Нафисӣ* ба шакли девон фароҳам овардааст, вале он девон номукаммал мебошад. Дар Теҳрон инчунин ду дастхати осори А. Б. мавҷуд аст, ки Нафисӣ аз онҳо истифода набурдааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабӣ А. Б. маснавие бо номи «Юсуф ва Зулайхо» доштааст. Аз девони таҳиякардаи Саид Нафисӣ бармеояд, ки А. Б. дар анвои гуногуни шеър асарҳо эҷод кардааст, вале бештари осори ӯ аз қасида иборат аст. Зимни қасидаҳо ӯ ба маъалаҳои иҷтимоӣ, шикоят аз беадолатиҳо дар замона ва ғ. рӯй овардааст. Марсияҳо низ навиштааст. А. Б. суханварест, ки бо истифода аз ташбеҳоти нозук, маҷозу истиора ва муболиға аз шоирони дигар фарқ мекунад. Абёти зерин аз ӯянд:

Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,
Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.
Агар бо мӯю бо мӯре шабонрӯзе шавам ҳамроҳ,
На мӯр аз ман хабар ёбад, на мӯй аз ман нишон дорад.
Танам чун сояи мӯй аст, дилам чун дидаи мӯрон,
Зи ишқи ғолиямӯе, ки чун мӯрон миён дорад.
Ба ҷисми мӯй даргунҷам, зи бас сустӣ зи бас зорӣ,
Агар хоҳад маро мӯре ба чашми худ ниҳон дорад.

Ос.: Девони Шиҳобуддин Амъақи Бухороӣ, Т., 1307 ҳ. ш.; Амъақи Бухороӣ, Девон. Т., 1337 ҳ. ш.
Ад.: Айнӣ С., Намунаи адабиёти тоҷик, Д., 2010; Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960. *К. Айнӣ.*

АНАБА́Р, дарё дар Ёқутистони Федератсияи Россия, дар шим. шарқии Сибир. Аз пуштакӯҳи Анабар (паҳнкӯҳи Сибири Миёна) сар шуда (ин ҷойи болообаш Куонамкаи Калон ном гирифтааст), ба халиҷи Анабари Баҳри Лаптевҳо мерезад. Дарозиаш 939 км. Масоҳ. ҳавзааш 100 ҳазор км^2. Сарфи миёнаи обаш 610 м^3/с. Дар пастии Сибири Шимолӣ водии дарё хеле васеъ мешавад. Манбаи обаш барфу борон. Ох. сент. ях баста, авв. июн яхаш об мешавад. Шохобҳои асосиаш: Куонамкаи Хурд, Удя, Уэле, Суолама, Харабил. Поёнобаш киштигард аст. Дар ҳавзаи А. кӯлҳо бисёранд; конҳои алмос мавҷуданд, аз моҳӣ бой аст. Маҳалҳои аҳолинишин: Саскилах, Юрюнг-Хая ва ғ.

АНАБИО́З (юн. anabiosis – ҷоннок шудан, аз ana – аз нав ва bios – ҳаёт), вазъи организм, ки дар мавриди он ҷараёни ҳаёт ниҳоят суст ва ҳама гуна нишонаҳои зиндагӣ қариб нест мешаванд. А. бинобар тағйирёбии шароити ҳаёт (ниҳоят гарм ё хунук шудани ҳарор. муҳит, норасоии намӣ ва ғ.) ба вуҷуд меояд ва баъди мусоид шудани он барҳам хӯрда, нишонаҳои зиндагӣ барқарор мегарданд. Соли 1701 олими голландӣ А. Левенгук муддати зиёд қобили ҳаёт будани кирми коловраткаи дар рег хушкшударо ошкор кард. Олими немис В. Прейер с. 1873 хосияти биологии кирми коловратка ва лӯндакирмҳоро омӯхта, истилоҳи «А.»-ро пешниҳод намуд. Ҳангоми А. дар натиҷаи хушкидан, ях кардан ё зиёд шудани миқдори намакҳои муҳит намии протоплазмаи бофтаҳо кам мегардад. Муддати мадид маҳфуз мондани қобилияти сабзиши тухмии хушконида натиҷаи А. аст. Соли 1922 олими рус П. Ю. Шмидт ва с. 1923 олими австриягӣ Г. Рам ҳаёти коловратка ва лӯндакирмҳои ушнаро омӯхта, ба хулоса омаданд, ки мавҷудоти дараҷаи паст баъди муддати зиёд дар ҷойи беҳаво хушк нигоҳ доштан ҳам зинда мемондаанд. Коловратка ва лӯндакирмҳо ҳатто ҳангоми ба ҳавои моеи то 190°, гидрогени моеи то 253° ва гелийи моеи то 271°C хунук андохтан низ қобили зиндагӣ буданд. П. И. Бахметев (1900, 1912) муқаррар кард, ки ҳашароти аз хунукӣ ба ҳолати А. афтодаро ҳамон вақт ҷоннок гардондан мумкин аст, ки агар моеи бофтаҳои он пурра ях набаста бошад. Кӯшишҳои бо роҳи яхбандонӣ дар ҳайвоноти мӯҳрадор ба амал овардани А. то ҳол натиҷае ба бор наовардааст. Аз ин рӯ ақидаҳои ҷойдоштае, ки гӯё қобилияти ҳаёти моҳӣ, обхокиҳо ва дигар ҷонварони мӯҳрадорро дар натиҷаи ях кунондан нигоҳ доштан мумкин аст, беасос баромаданд. Соли 1934 Н. И. Калабухов ва Г. В. Николский исбот намудаанд, ки моҳии яхкунондаро ҳамон вақт аз нав зинда кардан мумкин аст, ки агар фақат пӯст ва қабати болои мушакҳояш ях баста бошад. Ҳангоми хушкондан ё ях кунондан А. ҳамон вақт ба амал меояд, ки агар коҳиши оби организм сабаби ихтилоли робитаи байнимолекулавии сафедаҳо нагардад. А. дар амалияи тиб ва ветеринария аҳамияти калон дорад. Мас., дар натиҷаи А. нутфаи ҳайвонотро муддати зиёд бетағйир нигоҳ доштан мумкин аст. Соли 1950 И. В. Смирнов бо нутфаи харгӯше, ки 32 шаборӯз дар сармо (78° – 183°C) нигоҳ дошта шуда буд, харгӯши дигарро бордор кард. Харгӯшбачаҳои таваллудшуда мисли харгӯшчаҳои муқаррарӣ солиму бардам буданд. Ӯ бо ҳамин усул баррачаҳоро низ рӯёндааст. Дар шароити беҳаво ях кунонида муддати зиёд нигоҳ доштани бактерия ва вирусҳо аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Усули мазкур хусусан барои тайёр кардани ваксинаҳои хушки микробӣ ва вирусии зинда, ки барои моягузаронӣ (бо мақсади пешгирии бемориҳои гузаранда) истифода мешаванд, муфид аст. Ваксинаҳои хушк нисбатан масуниятовар ва барои нигоҳдорӣ устуворанд.

А. мутобиқати физиологии организм ба шароити номусоиди зиндагӣ буда, дар ҷараёни таҳаввулот ба вуқӯъ меояд. Дар даврaҳои муайяни инкишоф муваққатан дар ҳолати А. нигоҳ доштани баъзе мавҷудоти бемӯҳра (мас., тухм ё зочаи кирмаки абрешим, ҳашароти дарандае, ки зараррасонҳои кишоварзиро нобуд мекунанд) аҳамияти калони амалӣ дорад. А. аз *хоби зимистона* фарқ мекунад (ҳангоми хоби зимистона кори дил ва нафасгирии ҳайвонот қатъ намегардад).

АНАБО́Й, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саталмуши ноҳ. Балҷувон. Аз А. то маркази ноҳия 16 км, то маркази вил. 136 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 66 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АНАБОЛИ́ЗМ (аз юн. anaboli – бардоштан), раванди химиявиест, ки дар организми растаниҳо ба вуқӯъ мепайвандад. А. барои аз муҳит гирифтану дар ҳуҷайра ҳосил кардани моддаҳои мураккаби биологӣ зарур буда, бо истифода аз энергия ҷараён мегирад. Растанӣ аз муҳит модда ва энергияи заруриро гирифта, навъи дигари энергияро хориҷ мекунад ва ҳамин тавр, байни растанӣ ва муҳит мубодилаи чандтарафа ва доимии моддаҳо ба амал меояд. А. бо катаболизм, ки ҳангоми он моддаҳои мураккаб тачзия шуда, барои *онтогенези* растанӣ энергияи зарурӣ хориҷ мекунанд, сахт алоқаманд аст.Ниг. низ *Ассимилятсия.*

АНАДИ́Р, дарё дар нимҷаз. Чукоткаи Федератсияи Россия. Дарозиаш 1150 км, масоҳ. ҳавзааш 191 ҳазор км^2. Аз паҳнкӯҳи Анадир сар шуда, ба халиҷи Онемени Баҳри Беринг мерезад. Дар резишгоҳ паҳнии дарё 6 – 7 км аст. Шохобҳои асосиаш: Яблон, Еропол, Майн – аз рост; Чинейвеем, Белая, Танюрер – аз чап. Манбааш барфу борон. Аз окт. то авв. июн ях мебандад. Аз резишгоҳ то деҳаи Марково киштигард аст. Дар поёнобаш моҳӣ зиёд аст. Дар ҳавзаи А. конҳои ангиштсанг мавҷуданд.

АНАДИ́Р, шаҳр дар Федератсияи Россия, маркази маъмурии Округи худмухтори Чукотка. Дар соҳили халиҷи Анадири Баҳри Беринг ҷойгир шудааст (бандари А.). Аҳолиаш 11777 нафар (2010). Солҳои 1932 – 80 маркази Округи миллии Чукотка, 1980 – 91 маркази маъмурии Округи худмухтори Чукотка, аз с. 1992. – маркази маъмурӣ ва пойтахти Округи худмухтори Чукотка. Бо Петропавловски Камчатка, Владивосток, Магадан, Находка алоқаи баҳрӣ ва бо ш-ҳои Москва, Владивосток, Хабаровск алоқаи ҳавоӣ дорад. Дар А. мақомоти намояндагӣ ва ҳокимияти иҷроия, Дастгоҳи нозироти федералии Намояндаи ваколатдори Президенти Федератсияи Россия дар Округи федералии Шарқи Дур, инчунин идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеи округи маҳаллӣ ва федералӣ ҷойгиранд. А. з-ди коркарди моҳӣ, маркази гармидиҳӣ, қубури интиқоли газ дорад. Дар атрофи А. тилло ва ангишт истихроҷ мекунанд, гавазнпарварӣ, моҳидорӣ ва шикор тараққӣ кардааст. Дорои Осорхонаи кишваршиносии округӣ мебошад.

АНАДОЛӢ, навъе аз олуболу. Аслан аз Осиёи Марказӣ аст. Дарахташ қадбаланд (беш аз 4,5 м), устувонашакл, зудсабз; дар 4 – 5-солагӣ самар медиҳад. Шохҳояш парешон; баргаш майдаи байзашакл, сабзи баланд, думчааш ғафс (дарозиаш то 20 мм). Меваash думчадарози (50 мм) миёнаҳаҷми лӯнда, пӯсташ маҳин, рангаш сурхи сиёҳтоб, мағзаш мулоими сероб, таъмаш нордони гуворо, донакаш ҳаҷман миёна (8 х 9 мм). Дарахти А. серҳосил буда, дар 7 – 8-солагӣ 30 – 35 кг, дар 20 – 25-солагӣ 50 – 80 кг мева медиҳад (ох. июн – авв. июл пухта мерасад). Онро барои тарҳӯрӣ, тайёр кардани мураббо, шарбат ва афшура истифода мебаранд. Барои парвариши А. иқлими Тоҷикистон мувофиқ аст. А. ба сармо



Анадолӣ (навъи олуболу).

ва хушкӣ тобовар буда, то 35 сол умр мебинад. Дар мавриди бо олуболуҳои навъи Подбелский, Гриоти украинӣ, Лотовка якҷоя шинондан ҳосили хуб медиҳад. *С. Маҳмадаминов.*

АНАКО́НДА (Eunestes murinus), навъе аз морҳои азим. Дарозиаш 6 – 7 (баъзан то 9) м. Баданаш пулакчаҳои ҳамвори ҷилодор дорад. Рангаш хокистарии зардтоб, ба дарозии бадан ду қатор холҳои ҷигарранг мавҷуданд. Сӯрохии биниаш пӯшида мешавад. Дар соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва ботлоқзорҳои Бразилия ва Гвиана зиндагӣ мекунад. Нағз шино карда, қисми зиёди ҳаёти худро дар об мегузаронад. Ғизояш моҳӣ, бачаи аллигатор, парандаҳо ва ҷонварони хурд. Ба одам кам ҳамла мекунад. Дар вақтҳои хушксолӣ зери лойқа даромада карахт мешавад. А. даҳҳо бача мезояд, баъзан тухм мегузорад. А.-ро барои пӯст, гӯшт ва равғанаш шикор мекунанд.



Анаконда.

АНАКСАГО́РИ КЛАЗОМЕНӢ (тақр. 500 – 428 то м.), олим ва файласуфи Юнони Қадим, асосгузори мактаби фалсафии Афина. Дар охири умраш ба бединӣ гунаҳкор карда шуда, муҳоҷират карда бақияи умрашро дар Лампсак гузаронд. Аз асарҳои ӯ 20 порча ба тавассути намояндаи мактаби афинавии *навафлотуния* – Симплиский бокӣ мондаанд. Ақидаҳои ӯ таҳти таъсири мактаби Милет (пеш аз ҳама *Анаксимени Милетӣ)* ва таълимоти *Пармен*ид оид ба ҳастӣ ташаккул ёфтаанд. А. таълимоти худро дар шакли фарзияи космогонӣ ташаккул дод. Мувофиқи он вазъи ибтидоии олам як чизи омехтаи беҳаракату бешакли иборат аз ҳиссачаҳои бешумори ҳиснашаванда ё «ҳаста» ва ашёи мухталиф буд. Минбаъд дар замону макони муайян омехтаи мазкур ба тавассути қувваи беруна – ақл (нус) ба ҳаракати босуръати даврзананда дароварда мешавад. Таълимот дар бораи ақл, ки ба афкори минбаъдаи фалсафавӣ («муҳаррики аввал»-и Арасту, ғояи «такони аввал»-и фалсафаи давраи нав) таъсири амиқ расондааст, муқобилгузории мабдаи ҳаракатро бо материяи орому собит ифода мекунад.

А. ақлро дорои хусусиятҳои зиддиятнок пиндошта, аз як тараф онро аз ҳама «сабуктар» ва бо ҳеҷ чиз махлутнашаванда медонад, аз тарафи дигар, тасдиқ мекунад, ки он «дар бораи ҳама чиз дониши пурра дорад ва қувваи азимеро молик аст». Мувофиқи таълимоти ӯ тамоми ҷараёни таҳаввули ҷаҳонӣ аз бесарусомонии аввала сар карда, то танзими пурраи кайҳон натиҷаи ҳамон ҳаракати даврии аввала мебошад, ки ба тавассути ақл сурат гирифта буд. Ҳастаҳои мутаҳаррик бо ҳиссачаҳои ба худашон монанд пайваст шуда, моддаи якхеларо ташкил карданӣ мешаванд, вале ҷудошавии пурраи моддаҳои мазкур ба вуҷуд намеояд, чунки «дар ҳама ҷузъ ҳама вуҷуд дорад» ва унсурҳои кадом модда дар чиз зиёд бошанд, он номи ҳамон моддаро мегирад. Дар ҷараёни чунин тағйирот миқдори умумии хелҳои модда собит мемонад. Чунин ҳолат на фақат дар ҳастаҳои сифатан якхела (дар мактаби фалсафии машшоъ «кумун» номида мешаванд), балки дар тазодҳои гармию хунукӣ, равшанию торикӣ, хушкию намӣ, тунукию ғафсӣ низ мушоҳида мешавад. Хусусияти дигари таълимоти А. инкори *халоъ,* эътирофи тақсимоти номутаноҳии модда, тасдиқи нисбияти калону хурд, ғояи бузургиҳои бениҳоят хурди воҳидҳои физикавӣ мебошанд. А. аввалин олимест, ки кусуфу хусуфи офтобу моҳро дуруст шарҳ додааст.

АНАКСИМА́НДРИ МИЛЕТӢ (610 – тақр. 540 то м.), табиатшинос, ҷуғрофидон, мунаҷҷим ва намояндаи фалсафаи табиати Юнони Қадим, намояндаи дуюми *Мактаби Милет,* шогирд, рафиқ ва ҳамқавми *Фалес.* Соли 547 – 546 аввалин рисолаи худ – «Дар бораи табиат»-ро нашр кард. Он

масъалаҳои космогония, этиологияи хориқаҳои метереологиро дар бар мегирифт. Дар космология А. ақида дорад, ки оламро баъди ба вуҷуд омаданаш як чизи беинтиҳои ҳамаро фарогиранда печонда гирифтааст ва баъди ҳалокаташ онро фурӯ мебарад. Ӯ ҳамчун нахустин мунаҷҷими юнонӣ нақшаи ситораҳо ва аввалин харитаи чуғрофиро тартиб дода буд. Ақидаи ӯ оид ба хилқат чунин аст: мавҷудот аз моияе ба вуҷуд омадаанд, ки он махлут аз аносири мухталиф аст; он моя на ранг дораду на шакл, тӯдаест дарҳами номутаноҳӣ ва бекашф, ки саросари фазоро фаро гирифтааст, оғозу анҷом надорад, азалию абадӣ ва ҳама вақт дар зиддият аст (ҳам сард асту ҳам гарм, ҳам хушку ҳам тар, доиман дар ҳолати тағйиру табаддул мебошад). Ба туфайли ҳаракати доимӣ ва тазодҳо шаклҳои конкретии ашё муттасил тағйир меёбад. Аз таъсири сардӣ ва гармӣ унсурҳо ба вуҷуд меоянд: хок сарду оташ гарм аст, об ба сардӣ ва ҳаво ба гармӣ майл мекунад. Олам аз ин чор унсур ба вуҷуд омада, рӯи ҳам ба тартиб қарор гирифтаанд. А. дар афкори табиию илмиаш Заминро чирми куравӣ пиндоштааст. Ба фикри ӯ, тамоми ситорагон дар асл буданд, вале Офтоб бо мурури замон моеи онҳоро бухор кардааст, Моҳ аз Офтоб нур мегирад. А. мӯътақид аст, ки ғайр аз олами моддӣ дигар оламҳо низ вуҷуд доранд. Офтоб, ба ақидаи А., аз Замин тақрибан 20 ва ё 28 маротиба бузургтар аст. Умуман, дар таълимоти А. махсусан дар афкори космологиву табиатшиносиаш, унсурҳои диалектика мушоҳида мешаванд.

АНАКСИМЕ́НИ МИЛЕТӢ (нимаи дуюми а. 6. то м.), файласуфи Юнони Қадим, намояндаи охири (сеюмин)-и *Мактаби Милет.* А. М. таълимоти чиддии монистиро инкишоф дод, ки мувофиқи он тамоми ашё аз ҳаво пайдо шуда, шаклҳои тағйирёфта («маҳсул»)-и он ба шумор мераванд ва дар натиҷаи ғафсу тунук шудани ҳаво ба вуҷуд меоянд. Хусусиятҳои дигари тағйирёбандаи ашё (мас., гармою сармо) аз ҳамин чараёни асосӣ бармеояд. Мувофиқи таълимоти космогонии А. М. дар натиҷаи фушурдашавии ҳаво (ба мисли намадмолӣ) аввал Замини комилан ҳамвор («тахт») пайдо мешавад, ки дар ҳаво муаллақ меистад. Сонӣ баҳрҳо, абрҳо ва дигар чизҳо пайдо мешаванд. Чирмҳои мунири осмонӣ дар натиҷаи бухоршавии чисмҳои заминӣ ба вуҷуд меояд. Онҳо ба боло баромада, табиати оташро касб мекунанд. Аъёни собита, ба фикри А. М., дар осмон гӯё мехкӯб карда шуда, дигар мавҷудот, аз чумла Офтобу Моҳ ба мисли оташпораҳо дар ҳаво шино мекунанд. Ҳавои «беинтиҳо»-и А. М. манбаи нафасу ҳаёт аст, он тамоми оламро пӯшондааст ва мисли он ки нафси инсон чисми онро нигоҳ медорад, ҳаво ҳам тамоми оламро нигоҳ медорад. А. усули қиёсро дар таълимоташ васеъ истифода бурдааст.

АНАЛГЕ́ТИКҲО, доруҳои рафъи дард. Моддаҳои давоии тарзи таъсир ва сохти химиявиашон гуногунро дар бар мегиранд. А. наркозӣ ва ғайринаркозӣ мешаванд.

Ба А.-и наркозӣ морфин, омнопон, промедол, фентанил ва ғ. мансубанд. Онҳо ҳисси дард, аз чумла дарди шадидеро, ки ҳангоми зарбулат, сӯхтагӣ, сактаи дил ва ғ. пайдо мешавад, рафъ мекунанд. А.-и наркозӣ ба интиқоли импулсҳои дард дар қисмҳои гуногуни ҳароммағз ва майна монеъ мешаванд. Ин гурӯҳи доруҳо таассуроти нохуш (тарсу ваҳм, ҳаячон, рӯҳафтодагӣ)-и марбут ба дардро рафъ карда, ҳисси ҳаловати чисмонӣ ва рӯҳӣ (ба истилоҳ эйфория) ба вуҷуд меоваранд. Дар сурати чандин бор ворид намудани миқдори муайяни А.-и наркозӣ организм ба он одат мекунад ва таъсири дардбарӣ суст мегардад. Дар натиҷаи истифодаи тӯлонии А. шахс мумкин аст нашъаманд шавад. Аз ин рӯ, А.-и наркозӣ зери назорати қатъӣ буда, истеъмоли онҳо маҳдуд аст. Бе таъйиноти духтур истифода бурдани онҳо чиноят маҳсуб мешавад. Ба А.-и ғайринаркозӣ доруҳои синтезии сохти химиявиашон гуногун (кислотаи атсетилсалитсилат, амидопирин, аналгин, бутадион, парасетамол ва ғ.) мансубанд. Таъсири онҳо нисбат ба А.-и наркозӣ суст буда, асосан зимни дарде, ки дар натиҷаи газаки узву бофтаҳои гуногун (дарди дандон, дарди газаки бандҳо, мушакҳои скелет, неврит ва ғ.) пайдо мешаванд, самарабахш аст. Чунин доруҳо табшикан ҳам мебошанд, аксарияти онҳо хосияти зидди газак ҳам доранд. Дар натиҷаи бе маслиҳати духтур муддати зиёд истеъмол кардани аналгин, амидопирин ва бутадион чараёни хунофарӣ халал меёбад. Мунтазам ва худсарона истифода бурдани доруҳои кислотаи салитсилат (мас., кислотаи атсетилсалитсилат ва салитсилати натрий) луобпардаи меъдаро ба ангезиш оварда, боиси хунравии он мегардад, мӯчиби ғуввоси гӯш, заъфи сомеа, вазнин чараён гирифтани баъзе бемориҳо (мас., зиқи нафас ва ғ.) мешавад. Баъзе доруҳои дигар низ, ки ба гурӯҳи А. мансуб нестанд, метавонанд дардро рафъ кунанд. Чунончи, ҳисси дарде, ки бо ташаннуҷи мушакҳои суфтаи узвҳои дарунӣ алоқаманд аст, аз таъсири атропин, доруҳои шобезак (белладонна), папаверин, но-шпа ва ғ. кам мешавад. Барои рафъи дарде, ки дар натичаи ташаннуҷи рагҳо пайдо шудааст, доруҳои васеъкунандаи рагҳо бештар манфиат мебахшанд. Аз чумла дарди аз зиқи дил пайдошударо бо доруҳое, ки гардиши хунро дар дил беҳтар мегардонанд (нитроглитсерин) паст карда, дарди сарро, ки ба ғалаёни хун вобаста аст, бо доруҳои фишоршикан рафъ месозанд. Дар аснои дарди шикаме, ки аз сабаби ғуншавии бод дар рӯда пайдо шудааст, доруҳои бодрон (мас., оби шибит ва ғ.) ё карболен (доруе, ки бодро ба худ мекашад) манфиат меоранд. Бе таъйиноти духтур ва то аниқ муайян намудани сабаби ҳисси дард истеъмол кардани А. мумкин нест.

АНАЛИЗА́ТОР (юн. analysis – таҷзия, ба қисмҳо чудошавӣ), таҳлилгар, А.-испектр, асбобест барои мушоҳида ва чен кардани тақсимоти нисбии энергияи лаппишҳои электрикӣ (электромагнитӣ) дар фосилаи муайяни басомад. А.-и спектрро аз рӯи фосилаи басомадҳо (пастбасомад, радиобасомад ва басомадҳои оптикӣ), тарзи кор (мувозӣ ва пайдарпай), тарзи коркарди маълумоти ченкунӣ ва пешниҳоди натиҷаҳо (қиёсӣ ва рақамӣ), тарзи таҳлил (скалярӣ ва векторӣ) тасниф мекунанд. А.-и спектр барои муайян кардани амплитуда ва басомади унсурҳои спектрӣ, ки ба таркиби раванди таҳлилшаванда дохил мешаванд, имкон медиҳад. Тавсифоти асосии чунин А. қобилияти тафриқавии он мебошад. А.-и спектри пастбасомад дар *акустика*, мас., ҳангоми таҳқиқи шав-шув дар тарҳрезӣ ва истифодаи таҷҳизоти радио истифода мешавад. А.-и радиобасомад дар фосилаи аз якчанд килоҳертс (кҲс) то садҳо гигаҳертс (ГҲс) кор мекунад. Чунин А. барои таҳлили хосиятҳои радиосигналҳо, таҳқиқи тавсифоти таҷҳизоти радио истифода мешавад. А.-и мантиқӣ барои ба қайд гирифтан ва таҳлили пайдарпаии рақамӣ истифода мешавад. А.-и трафик (ё сниффер) таҳлилгари трафики шабакавӣ, барнома ё олоти барномавию таҳизотиест, ки барои доштан ва сипас таҳлил кардан ё фақат таҳлили

трафики шабакавии қисмҳои дигар таъйин гардидааст.

АНАЛИЗАТО́РҲО дар биология, унсурҳои мураккаби анатомию физиологӣ, ки ангезаҳои ҳайвоноту одамро дарк ва таҳлил мекунанд. Аҳамияти биологии А. хеле калон аст. Онҳо вокуниши организмро ба тағйироти шароит таъмин месозанд, баҳри мутобиқати организм ба муҳит ва устувории муҳити дохилии он мусоидат менамоянд. Мафҳуми А.-ро ба физиология олими рус И. П. *Павлов* дохил кардааст. Усули *рефлексҳои шартӣ* барои омӯзиши фаъолияти анализатории ҳайвонот ва одам имконияти мусоид фароҳам овард. А. аз даррок (ретсептор), қисми гузаронанда, ки ахборро интиқол медиҳад ва маркази олӣ (гурӯҳи нейронҳои қишри мағзи сар) иборатанд. Ба даррокҳои А. узвҳои ҳис (босира, сомеа, зоиқа, ломиса ва ғ.) ва ташкилаҳои махсус дар узвҳо, бофтаҳо, банду буғум, рагҳо ва мушакҳо мансубанд. Дастгоҳи ретсепторӣ бинобар сохтори махсус доштанаш навъҳои муайяни ангезишро дарк ва нисбати онҳо ҳассосияти баланд зоҳир мекунад. Қисми гузаронандаи А. аз асаби канорӣ ва ҳуҷайраҳои асаб таркиб ёфтааст. Ин ҳуҷайраҳо дар системаи асаби марказӣ ҷойгир шудаанд (ба ғайр аз ду нейрони аввали босира, шомма ва сомеаи А., ки дар қисми канории узвҳои мазкур воқеанд). Таҳлили таъсири ангезандаҳо ба организм дар канор оғоз ёфта, таҳлили пурраи он дар қисми марказии А. – нимкураҳои калони мағзи сар ба итмом мерасад. А. дар танзим ва фаъолияти худтанзими узвҳо, системаҳои физиологӣ ва ягонагии организм аҳамияти калон доранд. Фаъолияти таҳлилию синтезии нимкураҳои калони мағзи сар асоси *фаъолияти олии асаб*ро ташкил медиҳад. Омӯзиши А. барои физиология, философия, психология, тиб ва ғ. аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

АНА́МНЕЗ (юн. anamnesis – хотира, ёддошт), собиқаи ҳоли тиббӣ, маълумот роҷеъ ба шароити ҳаёт ва таърихи беморӣ, ки онро худи бемор ва ё шахсони бо ӯ шинос ба духтур баён мекунанд. А. яке аз усулҳои муҳимтарини тадқиқот буда, имкон медиҳад, ки беморӣ дуруст ташхис карда шавад. А. шикояту эҳсоси бемор, маълумот оид ба ибтидои беморӣ ва ҷараёни минбаъдаи он, ҳаёти пеш аз беморӣ, ирсият, бемориҳои аз сар гузаронида, вазъияти оилавӣ, одатҳои бад (майпарастӣ, тамокукашӣ ва ғ.), шароити зиндагию меҳнат ва ғ-ро дар бар мегирад. А.-и умумӣ ва А.-и хоси беморо фарқ мекунанд. Ба А.-и умумӣ маълумоти зерин тааллуқ доранд: бемориҳои волидон ва хешу ақрабо (бемориҳои ирсӣ, омосҳои саратонӣ, амрози рӯҳӣ, сил, сифилис ва ғ.), тарзи ҳаёт (вазъи оилавӣ, хӯрду хӯрок), ҳаёти ҷинсӣ, шароити кору маишат ва ғ. Ба А.-и хоси беморӣ маълумот роҷеъ ба оғози беморӣ, ҷараён ва табобати он то давраи таҳқиқ мансуб мебошанд. Маълумоти нодуруст боиси ташхиси ғалат ва муолиҷаи бесамари бемор мегардад.

АНАНА́С (Ananas comosus ё A. sativus), як навъ растании тропикӣ. Оид ба А. бори аввал с. 1533 олими испанӣ Сейса де Леона маълумот додааст. А. то 60 см қад мекашад. Баргаш сержор, ғафс, дандонадор (дарозиаш то 80 см). Меваааш чалғӯзашакл, бетухм, калон (2 – 16 кг), хушбӯй, хушҳазм, туршмаза; рангаш ҷигарии зардтоб, як қабза баргакҳои хурд дорад. Таркиби меваи А. аз 81,1% об, 4,5% қанд, 6,9% сахароза, 0,52% ҷавҳар иборат аст. Самари норасидаи он лабу даҳонро сӯзонда, одамро дарунрав мекунад; истеъмоли аз меъёр зиёдаш луобпардаи даҳонро озурда месозад. А.-ро тару тоза ва консервонида истеъмол менамоянд, мураббо ва ширинӣ мепазанд. А. дар Таиланд, ҷаз-ҳои Филиппин, Бразилия, Коста-Рика парвариш меёбад. Аз барги он нах ҳосил мекунанд.



Ананас (мева).

А́НАНД Вишванатан (11. 12. 1969, деҳаи Ченнаи ш. Мадрас, Ҳиндустон), шоҳмотбози машҳури ҳинду, гроссмейстери байналхалқӣ (1988), чемпиони ҷаҳон аз рӯи версияи Федератсияи байналхалқии шоҳмот (2000 – 2002), чемпиони 15-уми ҷаҳон аз с. 2007.Ниг. *Вишванатан Ананд*.

АНА́ПА, шаҳр дар ҷануби Федератсияи Россия, маркази маъмурии кишвари Краснодар. А. аз с. 1846 шаҳр, аз 1866 – курорти иқлимӣ (асосан барои табобати бачагон). А. дар халиҷи Анапаи соҳили Баҳри Сиёҳ ҷой гирифта, онро Қаторкӯҳи Асосии Кавказ иҳота кардааст. Аҳолиаш 55,7 ҳазор нафар (2008). Иқлимаш гарми намнок, зимистонаш нарм, ҳарор. миёнаи янв. +1°С. Тобистонаш гарми давомдор, ҳарор. миёнаи июл +23°С. А. шаҳри аз ҳама офтобии соҳили Баҳри Сиёҳ аст (мавсими оббозӣ аз 15 май то 15 окт.) Лойқаи сулфат ва обҳои минералиаш дар таркиби ҳуд гидрокарбонату хлориди натрий дошта, барои табобати бемориҳои шуш, роҳҳои нафас, системаи асаб, камхунӣ истифода мешаванд. Дар А. санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, пансионати модарону кӯдакон, инчунин ширкатҳои сайёҳӣ, муассисаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук мавҷуданд. Музей-мамнӯъгоҳи «Горгиппия» ва Музейи кишваршиносӣ дорад.

АНАПЛА́ЗМА (Anaplasma theiler), як навъи мавҷудоти ба чашм ноаён. Дар ҳайвонот (гов, асп, хар, шутур, буз, гӯсфанд, саг, хук, гурба, оҳу, ғизол, шоҳбарзагов ва ғ.) касалии *анаплазмозро* ба вуҷуд меоварад. А.-ҳо 3 намуд мешаванд: A. marginale, A. centrale (дар чорвои калон) ва A. ovis (дар моли майда). А.-ҳои чорвои калон ва моли майда ба якдигар монанд мебошанд. А.-ҳо сохти мураккаб (бо микроскопи электронӣ дидан мумкин) дошта, дар эритроситҳои хун паразитӣ мекунанд. Онҳоро канаву ҳашароти касалигузаронии чарогоҳ паҳн менамоянд. *Г. Н. Шахматов.*

АНАПЛАЗМО́З, касалии сироятии ҳайвонот. А.-ро *анаплазма*ҳо ба вуҷуд меоваранд. Ба А. гов, асп, хачир, хар, шутур, хук, буз, гӯсфанд, саг, гурба, оҳу, ғизол, архар, шоҳбарзагов ва ғ. гирифтор мешаванд. Анаплазмаҳо ба харгӯш, мушу калламуш, хаз ва чӯҷаҳо таъсир намерасонанд. А.-ро дар Тоҷикистон бори аввал с. 1948 Б. В. Лотоский ва М. А. Сиротенко ташхис намудаанд. Касалӣ бештар баҳору тобистон авҷ мегирад. Олимони чумхурӣ намуд ва миқдори канаҳои касалигузарон, мавсим ва паҳншавии онҳоро дар водии Вахш омӯхта, ба хулоса омаданд, ки интиқолдиҳандаи асосии онҳо канаи B. oonhius calcoratus мебошад. Он бештар дар дарёбодҳо, соҳили канал ва буттазору туғайзор дучор омада, аз апр. то окт. дар бадани чорвои калон зиндагӣ мекунад. Солҳои охир

дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ (обёрӣ намудани заминҳои нав) канаҳои касалигузарон кам мешаванд. Анаплазмаҳо баъди ба организми ҳайвон ворид шудан, дар рагҳои хун паҳн мегарданд. Дар натиҷа мубодилаи моддаҳо вайрон, кори дил номураттаб, чорво харобу лоғар мешавад, камхунӣ ба вуҷуд меояд. Давраи ниҳони (инкубатсионӣ)-и касалӣ 3 – 6 ҳафта (баъзан 3 моҳ) аст. Луобпардаҳо аввал каме зардча, сипас сафедранг, ғадудҳои лимфа васеъ, нафасгирӣ душвор, гемоглобини хун 4 – 5 маротиба кам шуда, гардан ва шикам варам мекунанд. Ҳайвони касал мехобад. А.-ро бо истифода аз антибиотикҳо табобат менамоянд. Ба чорвое, ки камхун шудааст, хлориди кобалт ва сулфиди мис додан лозим. Барои муолиҷаи А. истифодаи гемоспоридин, сулфантрол, беринил, витамини B_{12} ҳам муфид аст. Нобуд кардани канаҳо ва ҳашароти касалигузарон, ҳангоми хунгирӣ риоя намудани қоидаҳои антисептикӣ ва асептикӣ, бо маҳлули 1-фоизаи хлорофос шустани чорво (ҳар ҳафта, аз март то ноябр) тадбирҳои пешгирии А. мебошанд.

Ад.: Абрамов И. В., Анаплазмозы животных, М., 1965; Степанова Н. И., Протозойные болезни сельскохозяйственных животных, М., 1982; Ятусевич А. И., Рачковская И. В., Каплич В. М., Ветеринарная и медицинская паразитология. Энциклопедический справочник, М., 2001; Акбаев М. Ш., Паразитология и инвазионные болезни животных, М., 2003.

Г. Н. Шаҳматов. Е. А. Манилова.

АНАРХИ́ЗМ (юн. anarchia беҳокимиятӣ, бесарӣ), ҷараёни сиёсӣ, ки ба ҳама гуна давлату ҳокимият муросо кардан намехоҳад, низоми муайяни муносибати байни одамонро барои ҳама эътироф наменамояд, озодии номаҳдуди шахсиятро тарғиб мекунад. Ғояҳои А. ҳанӯз дар асарҳои муҳаққиқони антиқӣ ва асримиёнагӣ вомехӯранд, вале ҳамчун низоми муайян бештар дар таълимоти сиёсии давраи Эҳё равшантару барҷастатар ҳувайдо шуданд. Дар шакли комилтар ғояҳои анархистиро нависандаи англис У. Годвин дар китоби «Тадқиқот дар бораи адолати сиёсӣ» (1793) асоснок намуд. Ҳамчун ҷараёни сиёсӣ А. дар с-ҳои 40 а. 19 дар Европа пайдо гардид ва дар ташаккули он М. Штирнер, П. Прудон ва М. Бакунин саҳм гузоштанд. Ба назари онҳо муносибатҳои ҷамъиятии байни одамон бо низоми тарафайн асоснок мегардад, баробарвазнии моликият, баробарқиматии ивази мол ва хизматрасонӣ, қарзҳои бефоиз ба бунёди сохтори федеративии ҷомеа давлатро иваз менамоянд. А. аз чор равияи асосӣ иборат аст: индивидуалистӣ, мютюэлистӣ, дастаҷамъӣ ва коммунистӣ. Дар маркази равияи индивидуалистӣ ғояи озодии мутлақи инсон қарор гирифтааст. Ба он М. Штирнер асос гузоштааст, ки давлатро инкор намуда, ташкилоти иҷтимоии ҷомеаро бо «иттифоқи худбинӣ (эгоистӣ)» як донистааст. Дар асарҳои намояндагони равияи индивидуалистӣ ғояи мубодила дар заминаи «шартномаи озод» инкишоф ёфта, барои равияи мютюэлистӣ замина гузоштааст. Поягузори ин равия П. Прудон мебошад, ки мубодилаи ғайриэквивалентиро асоси беадолатӣ шумурда, инқилобро ҳамчун воситаи навсозӣ куллан рад намудааст. Асосгузори равияи дастаҷамъӣ (коллективӣ) М. Бакунин мебошад. Ӯ ҳама гуна давлатро воситаи таъқибу зулми одамон дониста, тариқи инқилоб аз байн бурдани онро зарур мешумурд. Идеали иҷтимоиашро ассотсиатсияи коргару деҳқон, дар ҳайати «федератсияи озод» ташкил медод. Тамоми фаъолияти ассотсиатсия дар асоси дастаҷамъӣ вобаста ба иштироки ҳар шахс амалӣ мешавад. Ба равияи коммунистӣ П. Кропоткин асос гузоштааст. Мабдаи таълимоташро «қонуни биосотсиологии ёрии байниҳамдигарӣ» ташкил медод, ки мутобиқи он нақши муайянкунандаро кӯшишу талоши табиии одамон ба ҳамкорӣ ташкил медиҳад. Ба андешаи П. Кропоткин ҳама чизе, ки монеи инкишоф мегардад, аз ҷумла давлат ва моликияти хусусӣ, бояд аз байн бурда шавад. Дар а. 20 А. дар Европа мавқеашро аз даст дод ва ҳоло фақат дар баъзе кишварҳои Америкаи Лотинӣ теъдоди ками ҷонибдорон дорад.

Ад.: Бакунин М. А., Моя философия, М., 1989; Ярославский Е. М., Анархизм в России, М., 1939; Зокиров Г. Н., Идеологияи сиёсӣ, Д., 2008.

Г. Зокиров.

АНАСТОМО́З (аз юн. anastomosis – сӯрохӣ, баромад), дар ҳайвонот – пайвасти байни асабҳо, мушакҳо, рагҳои хун ё лимфа. А. новобаста аз ҳосил шудани шабакаи капиллярии байни артерия ва венаҳо дар танзими хунтаъминшавии узвҳо ёрӣ мерасонад. Дар клиника А. гуфта пайванди сунъӣ ё дар натиҷаи беморӣ ба вуҷуд омадаи байни узвҳои найчашаклро меноманд. А. дар растаниҳои олиташаккул маънои пайванди байни сохторҳои найчашакл (мас., рагҳои рӯи барг)-ро дорад. Он дар занбӯруғҳо васлгоҳи ду гифи занбӯруғреша аст, ки дар натиҷаи норасоии ғизо ташаккул ёфта, баҳри ҳосил шудани митселияи диплоидӣ ва гетерокариони митселияи гаплоидӣ роли муҳим мебозад, зеро ба воситаи А. ядро аз як ҳуҷайра ба ҳуҷайраи дигар мегузарад.

АНАТА́З (от юн. anatasis – ҷазб кардан), октаэдрит, минерал, яке аз се модификатсияи полиморфии табиии дуоксиди титан. Формулаи химиявиаш TiO_2. Дар системаи тетрагоналӣ кристалбандӣ мекунад. Сахтиаш аз рӯи шкалаи минералогӣ 5 – 6,0, зичиаш 3820 – 3950 кг/м^3. Ғашҳои оҳан, баъзан сурб ва ниобий дорад (то 2,16 % Nb_2O_5). Кристаллҳояш майдаи (то 1 см) нӯгтези дипиримидалӣ ва инчунин лавҳагӣ ё призмавӣ мешаванд. Рангаш сабзи зардчатоб то сиёҳтоб (визерит) ё кабуди хокистарӣ то сиёҳ. Ҷилояш равшан, алмосмонанд. Ҳангоми то ҳарор. 620 – 650^{0}C гарм кардан ба рутил табдил меёбад. Дар «рагҳои» гидротермалии навъи махсуси «алпӣ» дар ҷинсҳои метаморфӣ ва чун маҳсули вайроншавии илменит вомехӯрад.

АНАТОКСИ́Н (Anatoxinum), токсоид (аз юн. ana – зид ва toxikon – заҳр), ҳосилаи безарари токсин, ки хосияти антигенӣ ва иммуногении онро гум накардааст. А.-ро бо роҳи дар 37 – 40°C бо ёрии формалин безарар гардондани токсин ҳосил мекунанд. А.-и барои иммунизатсияи одамон зарурро с. 1923 иммунологи франсавӣ Г. Рамон ҳосил кардааст. Барои пешгирии бемориҳои кузоз ва гулӯзиндонак (дифтерия) А.-и зидди кузоз ва зидди дифтерияро истифода мебаранд. А.-ҳои стафилококкӣ, ботулинӣ, дизентериявӣ, зиддизаҳрӣ ва ғ. низ мавҷуданд. А.-ро барои иммунизатсияи аспҳо (бо мақсади аз онҳо гирифтани зардоби антитоксинӣ барои табобат) низ кор мефармоянд.

АНАТО́МИЯ (аз юн. anatome – чок кардан), илмест дар бораи шакл ва сохти узвҳои алоҳида, система ва организми том; як қисмати морфология (ниг. *Морфологияи ҳайвонот, Морфологияи растанӣ*). А. ба А.-и ҳайвонот ва А.-и растанӣ чудо мешавад. Бисёр вақт А. гуфта, А.-и одамро дар назар доранд. А.-и одам аз ҷумлаи фанҳои асосии тибби назарӣ ва амалист. Маълумоти нахустин роҷеъ ба А.-и одам дар асарҳои олимони қадим Арасту, Букрот, Закариёи Розӣ, Абуалии Сино, Ибни Рушд ва дигарон мавҷуданд. Равнақи А. дар Шарқ бештар ба фаъолияти эҷодии Абуалии Сино вобаста аст. Асарҳои безаволи ӯ оид ба А.-и одам солҳои зиёд сарчашмаи асосии маълумоти ин соҳа буданд. Дар «Қонуни тиб»-и

Шайхурраис дар робита ба А.-и одам мавзӯъҳои ҷолиб ҷой дода шудаанд. Омӯзиши А.-и организми одам аз тавсифи муттасилу дақиқи намуди берунӣ ва сохти дарунии узвҳо дар ҳолати мӯътадилӣ иборат аст. Барои осон гардондани омӯзиши сохти бадан узвҳоро мувофиқи сохт, амал ва инкишоф муттаҳид намуда, дар бораи онҳо маълумот медиҳанд (А.-и таснифӣ). А. ба чунин фаслҳо тақсим мешавад: остеология – таълимот оид ба устухонҳо; артросиндесмология – таълимот оид ба банди устухонҳо (аз он ҷумла оид ба буғумҳо ва пайвандҳо); миология – таълимот оид ба мушакҳо; спланхнология – таълимот оид ба узвҳои дарун (нафаскашӣ, ҳозима, ихроҷ, таносул); ангиология – таълимот оид ба системаи рагҳои хун ва лимфа; нев-рология – таълимот оид ба системаи асабҳои марказӣ ва канорӣ; эндокринология – таълимот оид ба ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ; эстезиология – таълимот оид ба узвҳои эҳсос. Он боби А.-ро, ки тағйироти шакл ва сохти узвҳоро роҷеъ ба ҳар гуна даврахои ҳаёти одам меомӯзад, А.-и синну сол меноманд (ба ин фасл А.-и кӯдак ҳам дохил мешавад). А.-и пластикӣ (тармимӣ) таълимот оид ба сохти берунии бадан ва таносубҳои он буда, аҳамияти калони амалӣ дорад. Донистани ин фасли А. на фақат ба рассомон ва ҳайкалтарошон, балки ба ихтироъкорони либосу пойафзор низ лозим аст. Инчунин А.- и топографӣ (таълимот оид ба ҷойгирии узвҳо, бофтаҳо, рагҳо ва асабҳо дар ин ё он қисми бадан) барои тибби амалӣ, хусусан барои ҷарроҳӣ аҳамияти калон дорад. Омӯхтани сохт ва шакли организм вобаста ба кори системаю узвҳои алоҳида вазифаи А.-и функсионалӣ аст. Таълимот роҷеъ ба сохти хурдтарини узвҳою бофтаҳоро *гистология* меноманд. Анатомияи эътилолӣ (таълимот оид ба шакл ва сохти узвҳою бофтаҳои иллатнок) аз А. чун илми мустақил ҷудо шудааст. А. усулҳои гуногуни тадқиқот (аз ташреҳи муқаррарӣ бо ёрии нештар ё пинсет то методи микроскопияи электронӣ, рентгенография ва г.)-ро истифода мебарад.

Дар Тоҷикистон А. бо таъсиси кафедраи анатомияи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (1939) ташаккул ёфт. Феълан оид ба соҳаҳои мухталифи А. дар кафедраҳои анатомияи ДДТТ, ДМТ, ДДОТ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ва г. пажӯҳиш анҷом медиҳанд. Олимони соҳа дар ҷумҳурӣ ба ҳалли проблемаҳои таъсири омилҳои гуногуни муҳит ба сохт ва шакли бофтаю узвҳои бадан ҳангоми бемориҳои аъзои ҳозима, ҷигар, дилу рагҳо, лимфа ва ғ. дар шароити кӯҳистон, хусусиятҳои маҷрои хуну лимфа дар мавриди ҷарроҳии тухмдон, бачадон, меъда, масона, пӯст, ҷигар, ғӯзаи чашм, шуш, шикампарда ва ғ. машғул мебошанд. Дар ривоҷи А. дар Тоҷикистон саҳми олимон Я. А. *Раҳимов,* А. Е. *Этинген,* Ф. А. *Абдураҳмонов,* М. У. *Усмонов,* М. *Каримов,* С. С. *Қурбонов,* М. М. *Мамадқулова* ва дигарон калон аст.

Ф. Абдураҳмонов.

АНАТО́МИЯИ МУҚОИСАВИИ ҲАЙВОНО́Т, як фасли *морфологияи ҳайвонот*. А. сохти бадан, узвҳо, шабоҳати морфологӣ ва пайдоиши ҳайвонотро омӯхта, вобаста ба вазифаашон сохти узвҳоро муқоиса мекунад, тарзи ба шароити сукунат мутобиқ шудан, пайдоиш ва таҳаввулоти онҳоро ошкор месозад. А. ба узвшиносӣ, архитектоника ва морфологияи таҳаввулотӣ ҷудо мешавад.

Асосгузори А. *Арасту* мебошад. Доир ба А. то а. 18 фақат баъзе тадқиқот гузаронда шуда буданд (олимони италиявӣ Леонардо да Винчи, Ф. Реди, табиатшиносони франсавӣ Л. Добантон, П. Белон ва дигарон). Дар а. 19 зоологи франсавӣ Ж. Кюве сохти баъзе ҳайвонотро муфассал омӯхта, натиҷаҳои оид ба сохти ҳайвоноти ҳозира ва ниҳоят қадим ба даст омадаро дар «Лексияҳо оид ба анатомияи муқоисавӣ» (ҷ. 1 – 5; 1800 – 05) ном асараш ҷамъбаст кард. Дар инкишофи А. олими дигари франсавӣ Э. Жоффруа Сент-Илер низ саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ оид ба ягона будани сохти ҳайвонот, ки зери таъсири муҳит тағйир ёфтааст, фикр ронда, таълимоти гомология (монандӣ)-и узвҳоро ба вуҷуд овард. Дар инкишофи минбаъдаи А. биологҳои франсавӣ П. Латрейл, М. Савини, А. Милн-Эдвардс, олимони немис И. Мюллер, И. Миккел, К. Карус, олими англис Р. Оуэн, биологҳои рус А. О. Ковалевский, И. И. Мечников, В. В. Заленский, К. Н. Давидов ва дигарон ҳиссаи калон гузоштанд. Шарҳи таърихӣ ё қиёсӣ-анатомии ташаккули ҷонварон, ошкор кардани пайдоиш ва роҳҳои таҳаввулоти гурӯҳҳои ҳайвонот, тартиб додани таснифоти табиии олами ҳайвонот ва муқаррар кардани қонуниятҳои морфологии таҳаввулот масъалаҳои асосии омӯзиши А. мебошанд. А. аз комёбиҳои анатомия, эмбриология ва палеонтология фаровон истифода мебарад. Хусусан байни А., филогения ва систематикаи ҳайвонот робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад; бисёр масъалаҳои онҳо умумист. Оид ба А. дар Ин-ти чорводории АИКТ, кафедраи чорводории ДАТ ва кафедраҳои зоологияи ДМТ ва ДДОТ пажӯҳишҳо анҷом медиҳанд.

АНАТО́МИЯИ РАСТАНӢ, як фасли ботаника, ки сохти дарунии бофтаҳои растанӣ, пайдоиш, қонунияти инкишоф ва ҷойгиршавии онҳоро дар узвҳои ҷудогона меомӯзад. Пайдоиши А. р. ба ихтироъ ва такмили микроскоп алоқаманд аст. Соли 1665 физики англис Р. Гук бо микроскопи такмилдодааш пардаи тунуки пӯк ва чӯби растаниҳои гуногунро таҳқиқ карда, муқаррар намуд, ки онҳо аз ҳуҷайра иборатанд. Вале асосгузорони А. р. биологи италиявӣ М. Малпигӣ ва ботаники англис Н. Грю (а. 17) маҳсуб мешаванд.

Ҳуҷайраи растанӣ аз лифофа, протопласт (ситоплазма, ядро, пластидҳо, митохондрияҳо) ва маҳсули фаъолияти он (моддаҳои захиравӣ, қатрон, равғанҳои эфирӣ ва ғ.) иборат аст. Мавзӯи асосии омӯзиши А. р. узвҳои нашви (поя, реша ва шоху барг)-и дарахтон (аз ҷумла дарахтони мева ва ток) ва гулу меваи онҳо мебошад.

А. р. ба морфология, физиология ва эмбриологияи растанӣ сахт марбут буда, аз фаслҳои анатомияи физиологӣ, экологӣ, патологӣ ва муқоисавии растанӣ иборат аст. Анатомияи физиологии растанӣ алоқаи байни сохт ва ҷараёнҳои дар онҳо рухдиҳанда, анатомияи экологии растанӣ ба сохти растанӣ таъсир кардани шароити муҳит ва инкишоф, анатомияи патологии растанӣ ба сохти растанӣ таъсир кардани унсурҳои касалиовари биологӣ, химиявӣ ва физикӣ, анатомияи муқоисавии растанӣ намуд, авлод, оила ва ғ-ро ба тарзи қиёс тадқиқ мекунад. Анатомияи таҷрибавии растанӣ асосан ба таҷрибаҳои агротехникӣ вобастагӣ дорад. Усули асосии омӯзиши сохти дарунии растанӣ тайёр намудан ва бо микроскоп дидани қабати тунук буридаи узви растанӣ мебошад. Усулҳои дигари тадқиқот низ вуҷуд доранд (мас., люминессентӣ, поляризатсионӣ, электронӣ, гистохимиявӣ, таҳлили ренгеноструктуравӣ ва ғ.). Тадқиқоти анатомӣ имконият фароҳам меоваранд, ки бисёр сифатҳои пурқимати дарахтони мева ошкор гарданд, масъалаи механизатсияи боғу ток-

зор ва ниҳолхонаҳо роҳи ҳалли худро ёбад (мас., пайвандкунии мошинӣ, бо мошин буридани току навдаи дарахтон, бо комбайн ғундоштани ҳосил ва ғ.), усулҳои ташхиси сармобардорӣ, устуворӣ ба зараррасону касалиҳо дарёфт шаванд. Оид ба хусусиятҳои сохти анатомии дарахтони меваниг. *Хӯша, Реша, Барг, Пайванд, Тухм, Поя, Гул, Мева.*

Ад.: Колесник Л. В., Виноградарство, Кишинёв, 1968; Никитин А. А., Панкова И. А., Анатомический атлас полезных и некоторые ядовитых растений, Л., 1982; Энциклопедия виноградарства, т. 1, Кишинёв, 1986; Бавтуто Г. А., Ерей Л. М., Практикум по анатомии и морфологии растений, Минск, 2002; Лотова Л. И., Ботаника: Морфология и анатомия высших растений, М., 2007.

АНАТО́МИЯИ ЭЪТИЛОЛӢ, морфологияи эътилолӣ, илмест, ки асосҳои морфологии бемориҳои одам ва ҳайвонотро меомӯзад. Мавзӯи тадқиқи А. э. тағйироти макроскопӣ ва микроскопӣ дар узву бофтаҳо мебошад. А. э. умумӣ (морфологияи бемориҳо, мас., ихтилоли гардиши хун, мубодилаи моддаҳо, илтиҳоб, омосҳоро меомӯзад) ва ҷузъӣ (морфологияи бемориҳои алоҳидаро тадқиқ мекунад) мешавад. Усули асосие, ки ҳангоми А. э.-и одам истифода мебаранд, чок кардани ҷасад аст. Ин имкон медиҳад, ки беморӣ аз нигоҳи клиникию морфологӣ таҳлил ва ноқисиҳои ташхису муолиҷа муқаррар карда шаванд. Узву бофтаҳои ҳангоми ҷарроҳӣ бурида гирифта ва маводи *биопсия*-ро низ аз ҷиҳати патологоанатомӣ месанҷанд. Бинобар тараққӣ кардани техникии тиббӣ ва илми ҷарроҳӣ узву бофтае нест, ки мавриди чунин санҷиш қарор нагирад. Дар натиҷаи тадқиқи маводи биопсия А. э.-и одами зинда низ ба вуҷуд оварда шудааст. Дар тадқиқоти патологоанатомӣ аз усулҳои санҷиши микроскопӣ (люминессентӣ, рӯшноигӣ, электронӣ, ситологӣ, гистологӣ, гистохимиявӣ, морфометрӣ ва ғ.) фаровон истифода мебаранд. А. э. дар робита бо физиологияи эътилолӣ масъалаҳои асосии патологияи умумӣ ва ҷузъиро ҳаллу фасл менамояд. А. э. чун фанни мустақил дар мактабҳои олии тиббӣ таълим дода мешавад. Дар ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино онро аз с. 1939 дарс медиҳанд. Дар кафедраи А. э., ки бо ташаббуси проф. П. В. Сиповский таъсис ёфта буд (1939), бисёр масъалаҳои муҳим ҳалли хешро ёфтанд (мас., чанд намуди морфологии бемории ҷоғар муқаррар карда шуд, морфологияи гепатити гелиотропӣ мавриди тадқиқ қарор гирифт ва ғ.). Дар тараққии А. э. саҳми профессорон П. В. Сиповский, К. Н. Савина, Ю. В. Гулкевич, А. Ғ. Ғоибов, Б. Д. Монастирская, А. В. Куркин ва дигарон калон аст. *С. Ибодов.*

АНАФИЛАКСИ́Я (аз юн. ana – аз нав ва aphylaxia – беҳимоятӣ), як намуди реаксияи аллергӣ, ки ҳангоми такроран ба организм ба воситаи пӯст ё мушак (на ба воситаи узвҳои ҳозима) ворид намудани баъзе моддаҳои аллергиязо ба вуҷуд меоянд (ниг. *Аллергия*). А. дар намуди реаксияи умумӣ ё ҷузъӣ (мас., чун иллати пӯст) зоҳир мешавад. Реаксияи умумию хеле аёни организмро сактаи анафилаксӣ меноманд. Зуҳуроти гуногуни А., аз ҷумла сактаи анафилаксӣ, дар натиҷаи истеъмоли баъзе доруҳо, неш задани занбӯри асал, орую говзанбӯр, ба роҳи нафас афтодани гарди растаниҳо (агар баъди тадохули пештараи аллерген организм нисбат ба он ҳассос шуда бошад) ба вуҷуд меояд. Душвор гардидани нафаскашӣ, паст шудани фишори хун ва беҳушӣ аломатҳои асосии сактаи анафилаксӣ мебошанд. Ҳангоми сактаи анафилаксӣ бемор ба ёрии таъҷилии тиббӣ мӯҳтоҷ аст.

Пешгирӣ: бе тавсияи духтур истеъмол накардани доруҳо (беназорат истеъмол кардани онҳо боиси баланд шудани ҳассосияти организм мегардад); агар ҳангоми истеъмоли дору ин ё он реаксияи аллергӣ (обварам, саглес ва ғ.) рӯй диҳад, албатта ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.


Бо мақсади табобати А. адреналин, эфедрин, доруҳои гормонӣ ва ғ-ро кор мефармоянд.

Ад.: Тагоченко В. К., Педиатру на каждый день (справочник по лекарственной терапии), М., 1997; Лесков В. П., Чередеев А. Н., Горлина Н. К., Клиническая иммунология для врачей, М., 1997.

АНАЭРОБИО́З, қобилияти бидуни мавҷудияти оксиген маҳфуз мондану инкишоф ёфтани микроорганизмҳо. Чунин мавҷудот барои ҳаёти худ аз ҳисоби амалиёти таҷзияи моддаҳои органикӣ ва ноорганикӣ ғизо мегиранд. Дар шароити анаэробӣ субстрат фақат қисман оксид шуда, моддаҳое ҳосил мегарданд, ки ҳанӯз қисми зиёди энергияи худро нигоҳ медоранд (спиртҳо, кислотаҳои органикӣ ва ғ.). Бинобар ин, А. ҳамчун як тарзи мубодилаи моддаҳо назар ба аэробиоз манфиати камтар дорад. А. 3 хел мешавад: турршавӣ, нафасгирии анаэробӣ ва фотосинтези бактерияҳо. Ҳамаи онҳо барои *анаэробҳо* манбаи энергия мебошанд. Амалиёти табдили анаэробӣ баҳри гардиши моддаҳо дар табиат аҳамияти калон дорад.

АНАЭРО́БҲО (Anaeroba), микробҳое, ки дар муҳити беоксиген инкишоф меёбанд. А. ду хел – воҷиб ва новоҷиб мешаванд. А.-и воҷиб дар муҳити беоксиген зиндагӣ мекунанд. А.-и новоҷиб ҳам дар муҳити оксигендор ва ҳам дар муҳити беоксиген афзоиш меёбанд (мас., қаламчамикроби рӯда, иерсинияҳо, стафилококкҳо, стрептококкҳо, шигеллаҳо ва ғ.). А.-и воҷибро, ки ангезандаҳои бемориҳои одаму ҳайвонот мебошанд, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: спорадор (кластридияҳо) ва беспора. Ба А.-и спорадор ангезандаи *ботулизм,* сирояти анаэробӣ, *кузоз* мансубанд. А.-и беспора ду хел – грамманфӣ ва граммусбат мешаванд (бактероидҳо, фузабактерияҳо, вейлонеллаҳо, пептококкҳо, эубактерияҳо ва ғ.). А.-и воҷиб дар организм ҳамеша вуҷуд доранд. Онҳо як қисми микрофлораи мӯътадили одам мебошанд, вале дар мавриди фароҳам омадани шароити мусоид метавонанд боиси сар задани бемориҳои гуногун (мас., перитонит, думбали шуш ва майна, пневмония, эмпиемаи плевра, уфунат ва ғ.) шаванд. Сабаби бисёр бемориҳое, ки А.-и беспора меангезанд, заиф гаштани таассури организм дар натиҷаи осебҳои гуногун, амалиёти ҷарроҳӣ, хунук хӯрдан, ихтилоли масуният (иммунитет) ва ғ. аст. Барои ҷудо намудани А.-и воҷиб аз таҳҳизоти махсус, муҳити ғизоӣ, усулҳои кишти А. ва ғ. истифода мекунанд.Ниг. низ *Бактерияҳо.*

АНБА́ (Mangifera indica), манго, дарахтест ҳамешасабз. Муҳимтарин растании ҳосилдеҳи кишварҳои тропикист. А. дарахти сершоху барг буда, то 45 м қад мекашад. Баргаш тасмашакл ё эллипсӣ, бӯи зифтро дорад; гулаш ҷорӯбак, меваash донакдор, сершира, хушбӯй, нордон ё ширин (вазнаш 200 – 900 г). А.-ро дар



Шохчаи мевадори дарахти анба.

Ҳиндустон, Мянма, Малайзия, Покистон ва дигар кишварҳо мепарваранд. Дар Ҳиндустон тақр. 600 ҳазор га анбазор мавҷуд аст. Дар Африкаи Шимолӣ низ майдони анбазорҳо беш аз пеш зиёд шуда истодааст. Дар Америкаи Ҷанубӣ низ онро парвариш мекунанд. Ниҳоли А. аз рӯи тартиби 12 × 12 ё 14 × 14 м шинонда мешавад. Ниҳолҳои пайвандии А. соли 4 – 6-уми баъди шинондан ҳосил медиҳанд (ниҳоли аз тухм рӯидааш баъди 7 – 12 сол самар меорад). Аз ҳар га анбазор 7 – 15 т ҳосил гирифтан мумкин. Аз меваи А. шарбат, компот, мармелад, пюре ва хӯришҳои гуногун таҳия месозанд. А. ҳазорҳо навъ дорад. Баъзе навъҳои он соле 3 – 4, навъҳои дигар як маротиба гул мекунанд.

АНБА́В, деҳа дар ҷамоати деҳоти Барвози ноҳ. Роштқалъа. Дар ҳудуди хоҷагии деҳқонии «Меҳнат» ҷойгир аст. Аз А. то маркази ноҳия 4 км, то ш. Хоруғ 49 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 134 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, хонаи фарҳанг ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз оби чашмаҳои кӯҳӣ обёрӣ мешаванд.

АНБАЛА́, ниг. *Тамри ҳиндӣ.*

АНБА́Р (ар. хушбӯй), 1) моддаи нарми хушбӯи муммонанд, ки дар аъзои ҳозимаи *анбарзо* ҳосил мешавад. Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳо А. мумест муаттар, ки дар кӯҳистон занбӯри асал аз гиёҳҳои хушбӯ ҳосил мекунад ва сел шуста ба баҳр меовард. Онро ҷонвари баҳрӣ фурӯ бурда, ҳазм карда наметавонад ва гашта берун меафканад. Беҳтарини он А.-ҳои ашҳаб, соро, кабуд, зард ва ғ., навъи бадтаринаш манд ё А.-и сиёҳ мебошад. Зичии А. 900 – 920 кг/м^3, ҳарор. гудозишаш 60°С; дар об ҳал намешавад; дар равған, спирт ва эфир нағз ҳал мешавад. Аз А.-и тару тоза бӯи нохуш меояд, вале ҳар қадар кӯҳна шавад, хушбӯтар мегардад. А. бештар дар атторӣ барои тақвияти накҳат ва табхир нашудани бӯйи атр истифода мешавад. А. ҷузъи таркибии «анбарина» ном хушбӯй ва доруи машҳури қадимист. Абуалӣ ибни Сино А.-ро дар муолиҷаи нуқсҳои дил, мағзи сар ва дигар бемориҳо бисёр истифода мекард.

Унсурҳои асосии А. пайвастҳои политерпении бухорнашаванда – амбреин I (25 – 45%), эпикопростанол II (30 – 40%) ва ғ. мебошанд. Онҳо ба А. хосияти тасбити бӯйро мебахшанд. Бӯи А. аз пайвастҳои камбухор (камтар аз 0,3%) – амброксид III, кетонҳои сиклӣ, алдегидҳо, спиртҳо ва ғ. вобаста аст. Ҳамаи ин моддаҳо ҳангоми дар ҳаво оксид шудани амбреин ҳосил мегарданд. А.-ро аз дитерпеноидҳои бисиклии растанигӣ, мас., аз склареола низ ҳосил мекунанд. 2) Анбари бобон – А.-и бо бон омехта; бон номи дарахте ва меваи он аст, ки бағоят хушбӯ мешавад. 3) Дар адабиёти бадеӣ А. сифатҳои гуногун ва маъноҳои маҷозӣ дорад: А.-и соро (киноя аз зулфи нозанинон), А.-и тар (сиёҳии чашм) ва ғ.

АНБА́Р Мулло Муҳаммадшарифи Бухорӣ (с. тав. номаълум – ваф. 1914, Бухоро), шоири тоҷик. Дар ш. Бухоро ба камол расидааст. Аз ҷанде донишмандони давраш илм омӯхта, чун олиму фозили давр шӯҳрат ёфтааст. Дар дарбор хидмат намекард, вале баъзан қасидаҳову мадҳияҳо менавишт. Дар васфи амир Абдулаҳад (ҳукмр. 1885 – 1910) қасидае гуфта, ба инъомҳо сазовор ва ба мансаби давлатӣ соҳиб шудааст (китобдори мадрасаи Говкушон таъйин гардид). Илмҳои давраш – фароиз, ҳисоб, арӯзу қофия, санъатҳои бадеиро хуб медонист; муаммо, луғз менавишт, дар кушоданашон низ маҳорат дошт. Намунаҳои ашъораш дар тазкираҳову баёзҳои а. 19, дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ оварда шудаанд. Байтҳои зерин аз ӯст:

Чун сарви қадат ишватарозӣ кӣ тавонад?
Дар панҷаи шоҳини ту бозӣ кӣ тавонад?
Як умр ба рухсори арақноки ту густох,
Ҷуз зулфи қачат дастдарозӣ кӣ тавонад?
Пеши ту хиҷолат кашад аз сарв мусаввир,
Тақлиди ҳақиқат ба маҷозӣ кӣ тавонад?
Пеши нигаҳи шӯхи чафопешаат имрӯз,
Бо наргиси хунрези ту бозӣ кӣ тавонад?
Гесӯи ту аз Хизр дусад марҳала бигзашт,
Дарёфтан ин умри дарозе кӣ тавонад?
Ҷуз Анбари дилсӯхта дар миҷмари фурқат,
Ҷон бохтану сабргудозӣ кӣ тавонад?

Ад.: Айнӣ С., Намунаи адабиёти тоҷик, Д., 2010. *М. Ҷалилова.*

АНБАРБОРИ́С, ниг. *Зирк.*

АНБАРҒА́З, деҳа дар ҷамоати деҳоти Муҷуни ноҳ. Ғончӣ. Аз А. то маркази ноҳия 22 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 405 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, 3 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ.

АНБАРҒА́ЗИ ПОЁН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ғазантараки ноҳ. Ғончӣ. Аз деҳа то маркази ноҳия 30 км; роҳ қисман асфалтпӯш. Аҳолиаш 176 нафар (2010), ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва бунгоҳи тиббӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагдорӣ: чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо лалмӣ.

АНБАРЗО́ (Physeter catodon), гови анбарзой, гови анбар, гови баҳрӣ, гови дарё, кашалот, ҷонварест обӣ. Бино ба таснифоти зоологӣ ба гурӯҳи китҳои дандондор мансуб аст. Дарозии А.-и нарина 20 м (А.-и модина то 15 м), вазнаш то 70 т (А.-и модина то 30 т) мешавад. А. сари хеле калон (то 1/3 ҳиссаи дарозии тан) дорад. Сӯрохи чапи бинии А. дар нӯги фук ҷойгир буда, сӯрохи рости он дар зери пӯст қарор гирифтааст. А.-ҳо дар пешонӣ халтаи ҳавоӣ доранд, ки барои муддати дароз дар зери об истодан хизмат мекунад. Дар байни устухонҳои ҷоғи боло халтаи калони равған (то 6 т) ҳаст, ки спермасет ном моддаи сафед захира менамояд. Ҷоғи поёни А. 18 – 30 ҷуфт дандон дорад, ҷоғи болояш бедандон аст. Боли шиноварии зери синаи А.-ҳо паҳн ва нӯгаш муддавар буда, боли тахтапушт ба шакли кӯҳони дарозрӯя аст. Ранги А. бӯр ва қаҳвагуни сиёҳ мебошад. А.-и нарина дар ҳама укёнусу баҳрҳои кушод (ғайр аз Арктика) ва А.-и модина дар минтақаҳои гарм (байни 40° а. ҷ. ва 40° а. ш.) дучор меояд. А. дар ҳолатҳои муқаррарӣ бо суръати 9 – 13 км/соат шино мекунад. Ғизои А. нармбаданҳои сарпо, калмарҳо, тюлен, парандаҳои обӣ ва моҳист. Мушакҳои А. миоглобини бисёр доранд ва дар хун захира шудани дуоксиди карбон (IV) ба нафасгирии вай халал намерасонад. Бинобар ин А. дар зери об то 1,5 соат истода метавонад. Ба як А.-и нарина 10 – 20 А.-и модина ҷуфтӣ мешавад. Баъди 14 – 16 моҳ бачаҳои А. ба дунё меоянд, ки дарозиашон 3,5 – 5 м аст. Модинаҳо 10 – 15-сарӣ ҳамроҳ шино мекунанд. А. дар 5 сол болиғ шуда, то 50 сол умр мебинад. То солҳои наздик А. барои гӯшт, равған (7 – 10 т), спермасет, анбар шикор карда мешуд. Ҳоло онро шикор намекунанд.

АНБИЁ (ар. ал-Анбиёу – пайғамбарон), сураи 21-и Қуръон. Дар Макка нозил шуда, аз 112 оят ва 7 рукӯъ иборат мебошад. Ба тартиби нузул сураи 65 аст. Номи А. дар сура зикр нашудааст ва онро аз рӯи мазмун чунин ном кардаанд. Қисмати бештари А. дар бораи ҷиҳод ва муборизаи пайғамбарони бузург (а) бар зидди бутпарастӣ аст. Дар он баъди зикри Мусо (а) ва Ҳорун (а) ва нозил шудани Таврот баёни достони нисбатан муфассали Иброҳим (а), даъва-

ти ӯ ба тавҳид, муборизаи ӯ бо қавми бутпараст худаш, пирӯзӣ ва нақлот ёфтани ӯ аз оташи Намруд, раҳоии ӯ ва Лут (а) ба воситаи ҳичрат ба сарзамини муборак, қиссаҳои Лут (а), Нӯҳ (а), каме муфассалтар дар бораи Довуду Сулаймон (а), доварии онҳо, зиреҳсозии Довуд (а), ба Сулаймон (а) фармонбардор будани боду девҳо, қиссаҳои Айюб (а), Исмоил (а), Идрис (а), Зулкифл (а), Юнус (а) (бо номи Зуннун зикр ёфтааст), Закариё (а), Яҳё (а), Марям ва дар охир баёни Пайғамбари Ислом (с), пайғамбар фиристода шудани ӯ ва уммати ӯ оварда шудааст. Ба Яъҷуҷу Маъҷуҷ ҳам ишорате ҳаст. Дар зимни А. оятҳое низ дарҷ гардидаанд, ки мазмуни онҳо чунин аст: исботи тавҳид, накӯҳиши ширк ва мушрикон, рисолати пайғамбарон (а), аҳволи муъминон ва кофирон дар рӯзи бозпасин, қудрату тавоноии Худо, адли Ӯ ва ғ.

М. Умаров.

АНБИ́Қ, асбобест барои бо роҳи тақтир ба ҷузвҳои таркибӣ ҷудо кардани омехтаи моеъҳо. Дар А. омехтаи моеъҳоро то ҷӯшидан гарм мекунанд. Моеъҳое, ки ҳарор. ҷӯшишашон гуногун аст, аз омехта тадриҷан буғ шуда, пас аз сард шудан дар конденсатор боз ба моеъ табдил меёбанд. Дар Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, Покистон ва дигар мамлакатҳои Шарқ А. чун асбоби гулобкашӣ маъмул аст. А. дар саноати хӯрокворӣ (барои ҳосил кардани равғанҳои эфир, спиртҳо ва ғ.), коркарди нефт, химияи чӯб ва ғ. низ истифода мешавад.

«АНБО́З», рӯзномаи Вазорати фарҳанги ҶТ. Аз 5 апр. 1932 нашр мешавад. Аввал «Пионери Тоҷикистон» ном дошт. Солҳои аввал бо ҳуруфи лотинӣ ба табъ мерасид ва дар кори саросар саводнок намудани аҳолӣ хизмати босазо кардааст. Солҳои 1941 – 45 нашри рӯзнома қатъ гардид. 9 майи 1946 аз нав интишор шуд. Солҳои гуногун Ғ. Ализода, Қ. Муҳаммадиева, Н. Почоҷонов, А. Будкевич, Ҳ. Обидӣ, Р. Болтаев, А. Қаҳҳорӣ, В. Асрорӣ, Қ. Наимӣ, И. Раҳматов, А. Баҳорӣ, Б. Шарифов, Б. Маҳкамов, М. Ҳакимова, Г. Сафиева, Т. Нигорӣ, Ҳ. Хушқадамова, Т. Султонӣ сармуҳаррири рӯзнома буданд. 12 марти 1982 рӯзнома барои фаъолияти пурсамараш дар тарбияи наврасон бо ордени «Нишони Фахрӣ» сарфароз гардидааст. Аз сент. 1991 номи «А.»-ро гирифт. Адади нашраш 5000 (2010). Сармуҳаррираш Х. Ҷумъазода.

АНБО́Н, ниг. *Амбун*.

АНБО́РИ ҒАЛЛА́, иморатест барои нигоҳ доштани ғалладона ва орд. А. ғ. бояд маҳсулотро аз боришот, хояндаю парандаҳо эмин дорад, барои фуровардану бор кардани ғалла ва назорати ҳолати он мувофиқ бошад. А. ғ. се хел мешавад: ғӯла (бинои якошёнаи заминаш бетонӣ ё асфалтпӯш), хамбадор ва манорашакл (баландиаш то 30 м). Дар ғӯла ғалларо рӯи фарш нигоҳ медоранд. Гунҷоиши ғӯла 250 – 5500 т буда, онро бештар дар ҷойҳои қабули ғалла месозанд. Ғӯла аксар дар шакли биноҳои якошёнаи бомашон нишеб ё гумбазшакл сохта мешавад. Баъзан ду долон (болоӣ ва поёнӣ) дорад. Дар А. ғ.-и хамбадор тухми зироати гуногунро нигоҳ медоранд. Ин навъи анбор ғӯламонанд буда, аз хамбаҳои алоҳида ё бордонҳои фаршашон моил ё махрутшакл иборат аст. А. ғ.-и манорашакл гунбазмонанд ё росткунҷаи васеъ аст. *Элеватори ғалла* анбори манорашакли нисбатан мукаммал мебошад. Ғӯла ва А. ғ.-и хамбадори бомашон нишебро, одатан, синҷкорӣ мекунанд. Бо ин мақсад конструксияҳои оҳанубетонӣ, чӯб ё оҳан истифода мешаванд, деворҳоро аз конструксияҳои оҳанубетонӣ, хишт ва дигар масолеҳи сохтмон, бомро аксар аз тахтаҳои асбестусементӣ месозанд. А. ғ.-и гунбазшакл низ аз конструксияҳои оҳанубетонӣ сохта мешавад. Дар ғӯла ва А. ғ.-и хамбадори хурд ғалларо ба тавассути таҳвилнавор бор мекунанд ва мефуророанд. Дар анборҳои калон ғалларо бо таҳвилнаворе, ки дар долони боло гузошта шудааст, бор мекунанд. Барои қабули ғалла ва бо таҳвилнавор ба боло додани он дар паҳлуи А. ғ. манора месозанд, ки чиғир, дӯли ғаллагирӣ ва мошини болобардор дорад. Ғалларо ба воситаи таҳвилнавори зеризаминии долони поёнӣ мефуророанд. Қисми зиёди ғалла худ аз худ ба таҳвилнавор мерезад; қисми боқимондаашро бо мошинҳо ҷамъ меоваранд. Барои бо таҷҳизоти гуногун қабул, тоза ва хушк карда ба анбор рехтани ғалла, инчунин дар хоҷагиҳои калон дар паҳлуи А. ғ. манораҳои ғаллахушконӣ ва ғаллатозакунӣ месозанд. Хонаҳои А. ғ. бо манораҳо ба воситаи таҳвилнаворҳои болоӣ ва поёнӣ алоқа доранд. Барои нигоҳ доштани ғаллаи зиёд паҳлу ба паҳлу чанд А. ғ. месозанд. Бо мақсади напӯсидани ғалла анборро ба воситаи шахтаҳои ғалақадоре, ки дар кунгураи бом гузошта шудаанд, ё бо новаҳои дохили бино шамол медиҳанд. Ҳарор. А. ғ.-ро бо ҳароратсанҷҳои электрикӣ назорат мекунанд.

АНБО́РИ МЕВА́, як навъ бино ё хонае, ки дар он меваҷот нигоҳ дошта мешавад. Тару тоза нигоҳ доштани мева ба ҳарорат, намнокии ҳаво ва миқдори оксигену газии карбонати дохили анбор вобаста аст. Ҳарорати зарурии барои нигоҳ доштани мева бо роҳи табиӣ ва сунъӣ ҳосил мекунанд. Таркиби зарурии газии камераҳои А. м. дар натиҷаи оксигенро фурӯ бурда, газии карбонатро хориҷ кардани мева ё бо роҳи ба камераҳо додани омехтаи газ таъмин карда мешавад. Дар А. м.-и камераҳояш ҳавоногузар мубодилаи газҳо ниҳоят суст аст, аз ин рӯ миқдори зарурии оксиген ва гази карбонатро аз ҳисоби фаъолияти физиологии меваҷот ба даст овардан мумкин. Дар камераҳои ҳавогузар ба таркиби зарурии газ бо роҳи сунъӣ, яъне додани омехтаи газ муваффақ мегарданд. А. м.-и газаш танзимшаванда бинои махсусест, ки дастгоҳҳои пуриқтидори сардонӣ ва ҳавотозакунӣ ва камераҳои ҳавоногузари гунҷоишашон гуногун дорад. Он бо дастгоҳи махсус ҷиҳозонида шудааст, ки таркиби газро назорат ва танзим менамояд. Баъзе А. м.-и газаш танзимшаванда камераҳои ҳавогузар дошта, меваро дар линча, халтаҳои коғазин ва контейнерҳо нигоҳ медоранд. А. м.-и махсус барои нигоҳ доштани як намуди мева ва А. м.-и универсалӣ барои нигоҳ доштани меваҷоти гуногун пешбинӣ шудааст. Бештар А. м.-и универсалӣ месозанд. А. м. вобаста ба мӯҳлати нигоҳдории меваҷот чанд хел мешавад: анбори навъҳои зимистонаи мева; бахши сардонӣ (барои пеш аз кашондан зуд хунук кардани ғуҷуммева, меваҳои тобистона ва ангур); анбори меваи муштарак (барои хунук кардан ва нигоҳ доштани мева). Ҳамчунин А. м. рӯизаминӣ, дарунизаминӣ (аз нисф камтари он дар дохили замин мемонад) ва зеркандмонанд (аз нисф зиёди девори анбор дар дохили замин мемонад) мешавад. Бештар А. м.-и рӯизаминӣ ва зеркандшакл маъмуланд. А. м.-и зеркандшаклро хунук намекунанд. А. м.-и сардонӣ аз камераҳои гунҷоишашон 50 – 250 т, компрессорӣ (барои ҷой додани таҷҳизоти сардонӣ) ва хонаҳои иловагӣ иборатанд. Чунин анборҳо зеркандмонанд (гунҷоишашон то 500 т) ва рӯизаминӣ (аз 250 то 4000 т) бунёд меёбанд. Анборҳои рӯизаминиро бо корхонаҳои коркарди мева якҷоя месозанд. Дар А. м.-и газашон танзим-

шаванда барои ҷой додани таҷҳизоти танзимгарӣ, назорати фосилавии ҳарорату намӣ ва гази камераҳо хонаҳои иловагӣ месозанд. Гунҷоиши камераҳои ин анборҳо аз 50 то 150 т аст. Меваҷотро дар камераҳо (қуттиҳо) ва контейнерҳо ҷойгир мекунанд. Анборҳои муқаррарӣ (зерканд, таҳхона, чоҳ, хандақ) хеле кам истифода мешаванд, чунки гунҷоиши онҳо кам ва талафи меваҷот зиёд аст.

Барои тару тоза нигоҳ доштани ангур солҳои пеш чоҳ, таҳхона, болохона, айвонҳои пӯшида ва хонаҳои торику салқинро истифода мебурданд. Чунин анборҳо шамолрас, хушк, бемағор ва ҳарорататашон мувофиқ (аз 6 – 8°С боло) буданд. Онҳо бо чӯб, сим, вананг ё рафҳои махсус барои ангур чиҳозонида мешуданд. Баъзан хӯшаҳоро қабат ба қабат мемонданд, дар ин ҳол ба болои ҳар қабат хокистар, аррамайда ва ғ. пошида мешуд. Анборҳои замонавӣ аз шӯъбаи мошинҳо, камераҳои сардонӣ ва ирсолӣ, хонаҳои иловагӣ иборатанд. Таҷҳизоти сардонӣ бояд тамоми камераҳоро хунук карда тавонад. Дар ин ҳангом бояд дар назар дошт, ки ангурро аз ҳарор. 20° то 0°С дар давоми 1 – 2 шаборӯз хунук мекунанд. Барои хунук кардани камераҳо аз батарея ё кондитсионерҳо истифода бурдан беҳтар аст. Батареяҳоро дар девор ё шифти камера васл мекунанд. Анборе, ки газаш танзим мешавад, камераҳои ҳавоногузар низ дорад. Девор ва шифти камераҳо бо тунука, фолга, фолгаизол ва дигар масолеҳ пӯшида мешаванд. Дар чунин анборҳо бояд 5 – 6% оксиген, 5 – 8 % гази карбонат, 90 – 95% нитроген ва 90% намнокӣ бошад. Ҳама намудҳои А. м. бо ангидриди сулфур безарар гардонда мешаванд.

АНВА́Р Сулаймонхоҷаи Бухорой (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик. Дар тазкираҳо (мас., «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарам) аз ин шоир чун шахси баркамол ва пиронсол сухан меравад. Ҷузъиёти тарҷумаи ҳолаш дода нашудааст. Таҳсили улуми мутадовилаи мадрасагиро дар Бухоро гирифта будааст. Дар шеъру шоирӣ маҳорати баланд доштааст ва худаш ҳам дар ин боб сухан ронда, худро аз шоирони ҳамнавъаш баландтар мегирифт. Аз девони ашъор доштанаш иттилое дастрас нагардидааст. Дар тазкираҳову баёзҳои а. 19 намунаҳои ашъораш ҷой гирифтаанд. Ин ғазал аз ӯст:

Фасли Наврӯз омаду гулҳо ба сар дорад баҳор,
Чун гули садбарги раъно сар ба сар дорад баҳор
Мавҷ зад дар баҳри дилҳо ишқи маҳрӯёни даҳр,
Аз камоли ишқи хубон сад гуҳар дорад баҳор.
Лолаву райҳон барояд, лоларухсорон зи пай,
Аз фироқи гулрухон хун дар ҷигар дорад баҳор
Дар гулистон, Анваро, як дам ту болу пар кушо,
Ҳамчу булбул дар чаман сад болу пар до
рад баҳор.

А. Ҳабибов.

АНВА́Р ҚАЛАНДА́РОВ (номи пештарааш Кӯли Мирзангӣ), деҳа дар ҷамоати деҳоти Лангари Шоҳи ноҳ. Тоҷикобод. Аз деҳа то марказии ноҳия деҳаи Тоҷикобод 27 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 219 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва чойхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: зироаткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АНВАРБЕ́КИ АБУНА́СР (Абунасров Анварбек; тав. 15. 1. 1947, деҳаи Варзикандаи ноҳ. Панҷакент), шоири тоҷик. Хатмкардаи шӯъбаи ғоибонаи фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1969). Омӯзгори мактаби миёна (1964 – 2005). Аз с. 2005 муаллими Донишгоҳи озоди ш. Панҷакент ва сармуҳаррири г. «Махзани илм»-и ҳамин донишгоҳ. Аз давраи таҳсил дар мактаби миёна ба шеъргӯӣ оғоз кардааст. Аз с. 1991 то 2009 17 маҷмӯааш ба табъ расидаанд: «Расид айёми тобистон» (1991), «Умеди сабз» (1994), «Гулафшони хаёл» (2007), «Рӯдакӣ ва Лоиқ», «Гулбоғи ғазал» (ҳарду 2008) ва ғ. Се маҷмӯаи ашъори навқаламонро таҳрир карда ба табъ расондааст («Бунафшаи Зарафшон», 1991, «Понздаҳ барг», 2008, «Ворисони Рӯдакӣ», 2008). Аълочии маорифи Тоҷикистон (2004), Аълоичии матбуоти Тоҷикистон (2008). Дорандаи Ҷоизаи ба номи Лоиқ Шералӣ (муассис Ҳукумати ш. Панҷакент; 2008). Бо ордени Шараф (дараҷаи I; 2007) ва медали «Нишони сухан» (2008), сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2000. *Н. Суннатниё.*

АНВА́РИ КОШОНӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (а. 17). Тибқи маълумоти Малеҳои Самарқандӣ А. К. дар ш. Кошони Эрон ба дунё омада, дар ҳамон ҷо зиндагиву эҷод кардааст. Касбҳои мисгарӣ ва шоириро аз падараш омӯхтааст. Малеҳои Самарқандӣ дар Кошон бо ӯ вохӯрда, намунаҳои ашъорашро дар тазкирааш ҷой додааст. Абёти зерин аз ӯст:

Бенавоеро ба навое бирасонӣ, чӣ шавад,
Хастаеро ба давое бирасонӣ, чӣ шавад.
Ту, ки равшангари ҳар ойинаи дидорӣ,
Дили моро ба ҷилое бирасонӣ, чӣ шавад.

***

Захмро аз нохуни ҳиммат ба хун овардаем,
Доғи дилро аз сияҳбахтӣ нагун овардаем.

У. Назиров.



Анварбеки Абунаср.



Анварӣ Сулаймон.

АНВАРӢ Авҳадуддини Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ (1105, Абеварди Хуросон – 1187, Балх), шоири форс-тоҷик. Дар мадрасаи Мансурияи Тус, ки асосгузори он Низомулмулк буд, илмҳои гуногуни замон – нуҷум, риёзиёт, мантиқ, ҳандаса, тиб, мусиқӣ, ҳикмат ва фалсафаро омӯхт ва чун олим машҳур гардид. Ба шеъргӯӣ ҳангоми таҳсил дар мадраса шурӯъ кард. Шеърҳои нахустинашро бо тахаллуси «Ховарӣ» навиштааст. А. баъди вафоти падар аз ҷиҳати моддӣ танқисӣ мекашид ва маҷбур шуд ба хидмати дарбори Султон Санҷар (ҳукмр. 1118 – 57) рӯй биёварад. Дар муҳити дарбор зиндагии А. хуш намегузашт, бинобар ин ӯ с. 1150 хидмат- ро тарк карда ба ш. Нишопур рафт. Дар ин ҷо ҳам А. осудаҳол зиста натавонист, зеро с. 1153 қабилаи ғузҳо ба қаламрави Салчуқиён ҳуҷум карда, Султон Санҷарро ба асирӣ гирифтанд, мардумро қатлу ғорат намуданд. Қасидаи машҳури А. «Ашкҳои Хуросон» бар асари ҳамин ҳодисаҳо гуфта шудааст. Дар ин қасида муҳаббати шоир ба халқу ватан ифода ёфтааст. Ин қасидаро чун номаи шикоятӣ ба ҳокими Самарқанд фиристод:

Бар Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хуросон ба бари хоқон бар.
Номае матлаи он ранҷи тану офати ҷон,
Номае мақтаи он дарди дилу хуни ҷигар.
Номае бар рақамаш оҳи азизон пайдо,
Номае дар шиканаш хуни шаҳидон музмар…

А. с. 1154 ба Балх омад. Мухолифонаш қитъаи шеърие ро, ки дар ҳаҷви мардуми Балх гуфта шуда буд, дар байни халқ паҳн карданд. А. барои радди ин тӯҳмат, ки қариб боиси қатлаш шуда буд, шеъре бо номи «Савганднома» навишт. А. с. 1164 бо даъвати ҳокими Тирмиз Аҳмади Пирӯзшоҳӣ ба Тирмиз омад. Дар охирҳои умраш А. аз таърифу тавсифҳои нисбат ба амирону ҳокимон кардааш пушаймон шуда, сӣ соли хидмати дарборро давраи гумроҳӣ, давраи «ҷафо ба нафсу ситам ба ақли хеш» шумурд.

Мероси адабии А. тақр. аз 15 ҳазор байт – 250 қасида, 337 ғазал, 557 қитъа ва 472 рубоӣ иборат аст. Ба ғайр аз

ин китобе дар нуҷум «Ал-Башорат фӣ шарҳ-ил-ишорат» ва рисолае дар арӯзу қофия доштааст. А. чун устоди баркамоли қасида дар қатори ду нафар шоири бузурги форс-тоҷик ном баровардааст:

Дар назм се тан паямбаронанд
Ҳарчанд ки «ло набия баъдӣ».
Авсофу қасидаву ғазалро,
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

А. дар қасидаҳояш аксаран ба ҳамаи ҷузъҳо – ҳусни тахаллусу мадҳ аҳамият додааст. Тағаззули қасидаҳои А. аз ҷиҳати забон содаю равон аст. Дар онҳо манзараҳои табиат тасвир шудаанд, аз ҷабру ҷафои ёр, беадолатӣ ва носозгориҳои рӯзгор сухан меравад. Дар эҷодиёти А. қасидаҳое дучор мешаванд, ки мадҳи мамдӯҳ на аз забони худи шоир, балки аз номи маъшуқа баён шудааст. А. кӯшидааст, ки дар зери пардаи мадҳи пуробуранг ғояҳои баланд ва фикрҳои пешқадамро ифода кунад. Дар баъзе қасидаҳо на фақат ҳасби холи шоир, балки ихтилофоти фоҷиаангези замон, қисмати мардуми ҷафодида низ тасвир шудааст.

Ғазалҳои А. аз ҷиҳати забон содаву равонанд. А. аз ҷумлаи он шоиронест, ки пеш аз Саъдӣ ғазал гуфтаанд ва онро ба қолаби муайян даровардаанд. Хидмати муҳимми А. дар рушди ғазал ин аст, ки вай мазмуни лирикиро аз вобастагию тобеияти навъи (жанри) мадеҳавӣ берун оварда, чун навъи мустақили адабӣ вусъат дод. Ғазалиёти А. равон, латиф ва дилчаспанд, бо мусиқӣ (А. мусиқишинос ҳам буд) алоқа доранд. Дар қитъаҳои А. афкору андешаҳои илмӣ, сиёсию ичтимоӣ, шикоят аз замон ва беадолатии зимомдорони давр ифода ёфтаанд. Муқаттаоти А. аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа нисбат ба қасидаҳояш васеътаранд. Дар онҳо ҷаҳони ботинии шоир бештар ошкор гардидааст. Баъзе қитъаҳои А. мутоибавӣ ва ҳаҷвианд. Рубоиёти шоир низ содаву равон суруда шуда, мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, шикоят аз ҷабру ҷафои ёр, шикоят аз давру замон ва ғ-ро дар бар мегиранд.

Ос.: Девони Анварӣ, Д., 1972.
Ад.: Самадов Т., Ғазалиёти Анварӣ, Д., 1989; Зарринкӯб А., Бо корвони ҳулла, Д., 2004.

Т. Самадов.

АНВАРӢ Сулаймон (тав. 5. 10. 1946, ноҳ. Комсомолобод), забоншинос ва адиби тоҷик. Номзади илмҳои филология (1980). Хатмкардаи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (ИДП) ба номи Т. Г. Шевченко (1969). Баъди хатми ин-ти мазкур дар ҳамин ҷо то с. 1975 муаллими забони тоҷикӣ, аспирант буд. Баъдан, муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти умумии № 63 ш. Душанбе, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии ИДП (1986 – 86), хидмат (тарҷумон) дар Афғонистон (1986 – 88), муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ (1989 – 96) ва декани факти забон ва адабиёти тоҷикии ИДП (1996 – 2002) буд. Аз с. 2002 дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии ДМТ. Самтҳои асосии пажӯҳиши А. мушкилоти луғат, шеваи омӯзишу парвариш ва арзиши фарҳангии сухан мебошанд. Ба қалами А. беш аз 215 таълифот, аз он ҷумла 4 рисолаи илмӣ, 4 китоби дарсии забони тоҷикӣ (барои синфҳои V, VI, VII) ва китоби дарсӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологӣ (ҳамроҳи Ш. Кабиров), дастурҳои илмӣ-методӣ ва ғ. тааллуқ доранд. Таҳиягар ва мураттиби 8 китоб, аз ҷумла «Суруди Зафар» (1994), «Тӯфон дар ғунча» (2009; дар бораи шоира Гулрухсор) «Ромишгари мумтоз» (2000), «Зафари нотакрор» (2010) ва ғ. мебошад. Дар конференсия ва симпозиумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ кардааст. Бо роҳбарии А. 3 нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд. Аълочии маорифи Тоҷикистон (1978), узви ИЖ Тоҷикистон (2008) ва ИН Тоҷикистон (2008).

Ос.: Сухан аз шеваи омӯзиш ва парвариш, Д., 1993; Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома», Д., 1994; Забони аҳди Сомониён ва арзиши сухан, Д., 1999; Дар чустучӯи сухани зебо, Д., 2000; Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ-тоҷикӣ, Д., 2005.

АНВАРОБО́Д, деҳа дар ҷамоати деҳоти Даҳанаи ноҳ. Кӯлоб. Аз А. то маркази ноҳия 27 км, то маркази вилоят 186 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 707 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа бунгоҳи тиббӣ, китобхона ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Ёхсу обёрӣ мешаванд.

АНВА́РОВ Айманҷон Ковланҷонович (8. 12. 1939, Душанбе – 23. 1. 2002, ҳамон ҷо), терапевт, доктори илми тиб (1998), проф. (2000). Хатмкардаи фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ; 1965). Духтури терапевти беморхонаи минтақавии хоҷагии ба номи Ленини ноҳ. Ленин (ҳоз. Рӯдакӣ; 1965 – 66), ординатори кафедраи беҳдошти ичтимоӣ ва ташкили тандурустии ИДТТ (1966 – 67), аспиранти кафедраи беҳдошти ичтимоӣ ва ташкили тандурустии Донишкадаи такмили


Анваров Айманҷон.


Анварова Шакархон.

ихтисоси духтурони ш. Москва (1967 – 70), ассистенти кафедраи беҳдошти ичтимоӣ ва ташкили тандурустии ИДТТ (1970 – 74), сардухтури Хонаи маорифи санитарии ҷумҳуриявӣ (1974 – 78), сардухтури Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии №3 (1978 – 79), ассистент, дотсент (1979 – 87) ва мудири кафедраи беҳдошти ичтимоӣ ва ташкили тандурустии ДДТТ (1987 – 2002). Муаллифи зиёда аз 140 корҳои илмӣ, аз ҷумла 3 монография ва 30 дастури методист, ки ба масъалаҳои беҳдошти ичтимоӣ ва ташкили тандурустӣ, менеҷменти молиявӣ бахшида шудаанд. А. асосгузори мактаби илмии беҳдошти ичтимоӣ аст. Зери роҳбарии ӯ 2 нафар рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд. Бо медали «Ветерани меҳнат», «Нишони фахрии Салиби Сурх» ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонда шудааст.

АНВА́РОВА Шакархон Саидоромовна (тав. 3. 10. 1943, Душанбе), эндокринолог, доктори илми тиб (1993), проф. (1994), Аълочии тандурустии ҶТ (1996), Корманди шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2004). Хатмкардаи фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино (1966). Духтури Беморхонаи ҷумҳуриявии эндокринологӣ (1966 – 67), ординатор (1967 – 69), аспирант (1969 – 72), ассистенти кафедраи бемориҳои даруни № 2 ИДТТ (1972 – 87). Аз с. 1987 мудири кафедраи эндокринологияи ҳамин донишгоҳ. Доир ба эндокринологияи клиникӣ, диабети қанд ва бемориҳои ғадуди сипаршакл дар Тоҷикистон тадқиқот анҷом додааст. 197 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 1 монография, 5 дастури илмӣ ва 8 дас-тури амалию методӣ, 2 пешниҳоди навоварона дорад. Таҳти роҳбарии ӯ 1 нафар рисолаи докторӣ ва 5 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд. А. яке аз ташаббускорони ташкил намудани «Барномаи миллии муборизаи бар зидди бемориҳои норасоии йод ва диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Сарэндокри-

нологи Вазорати тандурустии ҶТ, раиси Ассотсиатсияи диабетшиносон ва эндокринологҳои ҷумҳурӣ.

Ос.: Дастури мухтасари таълимӣ оид ба эндокринологияи клиникӣ, Д., 1998; Заболевания щитовидной железы, Д., 2004; Актуальные вопросы клинической эндокринологии (тавсияи методӣ), Д., 2007; Современное представление о метаболическом синдроме, Д., 2008; Ошкорсозии бармаҳали ҷузъҳои алоими мубодилавӣ – кафолати пешгирии диабети қанди навъи 2-юм, Д., 2009.

АНВАРПОШШО́ (Envar Pasa) (22. 11. 1881, Истамбул – 4. 8. 1922, деҳаи Обдараи ноҳ. Балҷувон), ходими сиёсию ҳарбии турк, генерал, яке аз сарварони ҳизби «Иттиҳод ва тараққӣ»-и ҷавонтуркон, иштирокчии Революютсияи с. 1908 (алайҳи султон Абдул Ҳамид) ва табаддулоти давлатии апр. 1913-и ҷавонтуркон дар Туркия. Бо лақабҳои «Домоди халифа» ва «Наполеончики турк» машҳур буд. Соли 1903 Академияи Штаби генералии Истамбулро хатм кардааст. Моҳи февр. 1914 ба унвони «пошо» (генерал) соҳиб гардида, вазири ҳарбии Туркия таъйин шуд. Солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳи Туркия буд. Дар сиёсати худ ба пантуркизм ва панисломизм содиқ буда, бо Германия ҳамкорӣ дошт. Моҳи сент. 1918 дар Боку алайҳи болшевикон мубориза бурда, баъди шикасти Туркия (1918) дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Германия гурехт. Аз ҳамон вақт ба муқобили ҳаракати миллии озодихоҳии туркҳо мубориза мебурд. Соли 1920 ба Москва омада, бо В. И. Ленин вохӯрд ва худро тарафдори Инқилоб вонамуд кард. Ӯ чун инқилобчии матин 1 сент. 1920 ба Боку фиристода мешавад. Аммо нақшаҳояш дар он ҷо барор нагирифта, моҳи окт. 1921 ба Ҷумҳурии Халқии Бухоро омад. Дар Бухоро бо қувваҳои зиддишӯравии Осиёи Миёна ва мамолики хориҷ (Афғонистон, Туркия ва ғ.) забон як карда, бо мақсади таъсис додани империяи «Туркияи Бузурги Султонӣ», «Турони бузург» ва «Давлати ягонаи турк» («Улуғ тюркчилик») қотеъона талош намуд. Моҳи ноябри 1921 бо кумаки қувваҳои аксулинқилобӣ ба Бухорои Шарқӣ лашкар кашид, ки он бебарор анҷомид. Баъди муҳосираи Душанбе 22 марти 1922 амири собиқи Бухоро *Олимхон* А.-ро сарфармондеҳи нерӯҳои аксулинқилобӣ таъйин намуд, ки сабаби норозигии сардори босмачиёни маҳаллӣ Иброҳимбеки лақай гардид. А. худро муборизи истиқлолият ва озодии мусулмонони Шарқ эълон кард. Ӯ мехост бо ин роҳ қувваҳои зиддишӯравии хориҷӣ ва дастаҳои босмачиёни дохилиро муттаҳид намуда, ба мақсади ниҳоии худ ноил гардад, вале Артиши Сурх бо ёрии меҳнаткашони маҳаллӣ нақшаҳои А.-ро барбод доданд. А. ҳамроҳи чанд тан ҳаммаслаконаш 4 авг. 1922 дар арафаи Иди Қурбон дар задухӯрди назди деҳаи Обдараи минтақаи Кӯлоб ба қатл расид. Ҷасади ӯро дар баландии Чаган ба хок супурданд. Бо ташаббуси расмии Ҳукумати Туркия боқимондаи ҷасади А. баъди 74 сол 31 июли 1996 ба Туркия интиқол дода шуд.

Ҳ. Пирумшоев, С. Ғуломшоев.

АНВО́РИ АЗАЛИЯ́ (аз ар. ҷамъи *нур* ва беибтидо), дар ишроқия нуруланвор аст, ки он гӯё аз азал вуҷуд дошта, зуҳури аълою ашраф ва ҳузури шадиду қоҳири мутлақ ба шумор меравад. Он аз ҳар гуна унсурҳои зулмонӣ орӣ ва ягона буда, дорои ишроқоти (дурахш ишора ба равияи *ишроқия*) маҳз аст. Ба ибораи дигар, А. а. мабдаи мавҷудот ё худ воҷибулвуҷудест, ки мавҷудияташ ба зоташ вобаста мебошад. Дар натиҷаи фаязони (хайру баракати афзун) А. а. нури муҷарраде пайдо мешавад, ки онро Шиҳобуддини Суҳравардӣ «нури акраб» номидааст. Нури акраб А. а.-ро мушоҳида мекунад ва нисбат ба вай муҳаббати бепоён дорад, А. а. бошад, ба он мунтазам ишроқот мебахшад ва аз ҳамин муносибати мутақобилаи А. а. ва нури акраб анвори қоҳира ба вуҷуд меоянд.Ниг. низ *Анвори испаҳбудия.*

АНВО́РИ ИСПАҲБУДИЯ́ (аз ар. – ҷамъи *нур* ва авестоӣ «сипаҳбуд» – пешво, сардори сипоҳон), истилоҳи ҳикмати *ишроқия*, ки нури муҷарради нафсониро ифода мекунад. Аз нури муҷарради акраб силсилаҳои тӯлӣ ва арзии анвори қоҳира ба вуҷуд меоянд. Аз силсилаи арзии он силсилаи нури тоза, ё худ нафс, ё малакути асфал пайдо мешаванд, ки ба тавассути онҳо олами аносир ё худ навъҳои ҷудогонаи олами моддӣ идора мешаванд. Шароити ба вуҷуд омадани А. и. мисли пайдоиши анвори қоҳира аст. Шиҳобуддини Суҳравардӣ ин нурҳоро барои он А. и. номидааст, ки мувофиқи яке аз ривоятҳои Авесто, гӯё сарлашкаре бо ин ном нафси инсонро дар мубориза бо қувваҳои зулмонӣ идора мекардааст. А. и. аз ҷониби нури олами ақли маҳз дорои хилофати кабир аст, чунонки дар олами моддӣ оташ ҳамчун баородари нури инсонӣ аз ҷониби олами ақлҳо дорои хилофати сағир мебошад.

АНВО́РИ МУДАББИРА́ (ар. – ҷамъи нур ва идоракунанда), дар *ишроқия* нури содир аз табақаи аразии анвори қоҳира буда, баробар бо нуфуси нотиқии фалакӣ ва инсонии машшоиён аст.Ниг. низ. *Машшоия.*

«АНВО́РИ СУҲАЙЛӢ» яке аз таҳрирҳои китоби «Калила ва Димна» аст, ки дар а. 15 ба саъйи Кошифӣ анҷом ёфтааст. Кошифӣ таҳрири матнро дар асоси «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ ба поён расонда, китоби худро ба вазири Ҳусайни Бойқаро Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ бахшидааст. Кошифӣ бобҳои 1-ум ва 2-юми «Калила ва Димна»-ро ихтисор намуда, ба ҷои он ҳикояти подшоҳи Чин, Рой Добшилим ва Бидпойро дохил карда, адади ҳикоёти пандомӯзи дохили бобҳоро аз 40 ба 100 расондааст. Кошифӣ сабки маснӯи Абулмаолиро то андозае сода ва амсолу ашъори арабӣ, ибораҳои маснӯъро аз асар хориҷ намуда, ҳикоёти парокандаи китоби ӯро мураттаб сохтааст. Инчунин Кошифӣ ба ҷои порчаҳои манзум ва зарбулмасалу ҳикматҳои арабии он ашъори шоирони форс-тоҷик ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикиро фаровон ба кор бурдааст. Вале ҳанӯз ҳам он тобеи сабки пуртакаллуфи насри а. 15 буда, аз суханпардозӣ орӣ нест. Бинобар ҳамин онро баъдтар Абулфазл ибни Муборак бо номи «Иёри дониш» (1588) ба форсӣ таҳрир кард. «А. С.» чун тамоми таҳрирҳои «Калила ва Димна» асари панду ахлоқӣ буда, дар ҳикоятҳои тамсилии он хулқи нек, ватанпарастӣ, мардумдӯстӣ, адолатпешагӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ тарғиб шудааст. Ин асар дар гузашта ба сифати китоби дарсӣ истифода мегардид. Таҳрири Кошифӣ ба чандин забонҳои Шарқу Ғарб тарҷума ва нашр шудааст.

Ад.: Калила ва Димна, аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (танзим ва таҳрири нави Р. Ҳодизода), Д., 2009.

А. Афсаҳзод

«АНВО́РИ ҶАЛЛИЯ́», асари Абдуллоҳи Занузӣ роҷеъ ба фалсафа ва тасаввуф. Ба забони форсӣ таълиф шуда, аз муқаддима ва шарҳу баёни масъалаҳои гуногуни ирфонӣ иборат аст. Муаллиф зимни таҳқиқи масъалаҳои тасаввуф назари файласуфонро низ баррасӣ кардааст. Дар муқаддима муаллиф сабаби таълифи китобро ёдовар шуда, дар ламаоти якум ба таҳқиқи илоҳиёт мепардозад. Ба фикри ӯ, ҳикмати илоҳӣ ба саволи «мо қувва» чавоб шуда, он тасаввури моҳият ва ҳақиқат мебошад, вале тасаввур ғайри тасдиқ ва вуҷуд ғайри

моҳият аст. Аз ин рӯ, муаллиф масъалаи шиддату заъфро дар ҳикмати илоҳӣ баррасӣ карда, вуҷуди файёзро асл ва бақияи мавҷудотро шурӯи зоти вуҷуди ҳақиқӣ мепиндорад. Дар ҳамин қисмат асолати вуҷуд ва асолати моҳият баён шуда, масъалаи тавҳид ҳамчун «ло шарика лаҳу фӣ вуҷуд-ил-вуҷуд» ба миён гузошта шудааст. Вобаста ба ҳамин масъала мартабаҳои вуҷуди воҳид баён шуда, вуҷуди воҷиб аввал ҳамчун мартабаи ҳақиқат, сонӣ вуҷуди муайян тадқиқ гардидаанд. Абдуллоҳи Занузӣ маърифати ирфонии ҳақиқати имконӣ ба зотро баробар бо мукошафа ва мушоҳада медонад ва мартабаҳои онро аз назари худ шарҳ медиҳад. Дар ламаоти минбаъдаи «А. Ҷ.» фарқи байни асмоъ ва сифотро ба фарқи араз ва сифати фаслу сурату ҷинсу модда, қудрату қодир ва ҳаёту ҳай монанд мекунад, маротиби мавҷудотро дар шиддату заъф мухталиф ва дар камолу нуқс гуногун пиндошта, мавҷудоти азалиро ҳамчун «асмои ҳусно» комилу қавӣ медонад. Барои нишон додани ҳамин масъала муаллиф ба таҳқиқи қавси нузул ё худ сайри бидояти нузул мепардозад ва ҳар зинаи мобаъдро нисбат ба зинаи моқабл нисбати нуқс ба камол, нисбати заъф ба шиддат ва нисбати қатра ба дарё медонад. Муаллиф дар «А. Ҷ.» силсилаи масъалаҳои ирфониро аз қабили тавҳид, қалб, сир, кашф, файз, рӯҳ, нуру зулмат ва навъҳои гуногуни маърифат (илми виросат ва диросат) таҳқиқ намуда, ҳангоми таҳлили онҳо назари намояндагони равияву ҷараёнҳои гуногуни фалсафию ирфониро низ нишон медиҳад.

М. Ҳазратқулов.

АНГАНО́Р, ниг. *Кунгур.*

АНГА́Р (франс. hangar), иншоотест барои муҳофизат, хизмати техникӣ ва таъмири самолёту вертолёт. Аз рӯи таъйинот А. се навъ мешавад: доимӣ, муваққатӣ ва васлу ҷудошаванда. А.-и доимиро аз металлҳо ва оҳану бетон, А.-и муваққатиро аз чӯбу тахта, А.-и васлиро аз пӯлод ва хӯлаҳои сабук месозанд. Шаклу андозаҳои А. ба навъ ва шумораи самолёту вертолётҳо во-



Намуди дохилии ангар.

баста аст. А. бо таҷҳизоти ҳамлу нақл, алоқа, сигнализатсия ва автоматҳои оташнишон ҷиҳозонида мешавад.

АНГАРА́, дарё дар вил. Иркутски кишвари Краснояри Федератсияи Россия, шохоби рости д. Енисей. Яке аз дарозтарин д-ҳои Сибири Шарқӣ, дарозиаш 1779 км, бараш аз 0,8 – 1,5 км то 3 – 5 км. Масоҳ. ҳавзааш 1039 ҳазор км^2, аз он ҷумла масоҳ. ҳавзаи худи А. (бе ҳавзаи кӯли Байкал) 468 ҳазор км^2; дар роҳаш ба он 38195 дарё ва шохобчаҳо ҳамроҳ мешаванд. Нимаи авв. а. 17 кашшофони нахустини рус онро Тунгускаи Болоӣ номида буданд. Номи А.-ро дар а. 20 гирифт (аз забони бурятҳо). Аз кӯли Байкал оғоз гардида, ба Шим. ва баъд ба Ғ. ҷорӣ мешавад. Захираи гидроэнергетикиаш хеле зиёд – бештар аз 86 млрд кВт-соат. Болооби А. дар натиҷаи сохтани НБО-ҳои Иркутск, Братск, Уст-Илим ва Богучанск асосан ба зинаи обанборҳо (Иркутск, масоҳ. 154 км^2 ва Братск, масоҳ. 547 км^2) табдил ёфтааст. Аз ох. окт. то авв. май ях мебандад. Манбаи асосиаш (ғайр аз кӯли Байкал) барфу борон. Сарфи солонаи об ба ҳисоби миёна дар наздикии НБО-и Иркутск 1700 м^3/с, дар наздикии НБО-и Братск 2900 м^3/с, дар наздикии резишгоҳаш 4500 м^3/с. Шохобҳои асосиаш: Иркут, Китой, Белая, Ока, Ия, Тасеев – аз чап, Илим, Чадобетс, Иркинеев – аз рост. Аз Иркутск то Байкал ва НБО-и Братск мунтазам киштӣ мегардад. А. аз моҳӣ (озодмоҳӣ, тосмоҳӣ, сафедмоҳӣ, равғанмоҳӣ ва ғ.) бой аст. Дар соҳилҳои А. ш-ҳои Иркутск, Ангарск, Усолйе-Сибирское, Свирск, Братск, Уст-Илимск ҷойгиранд.

АНГА́Т, ангад, хори ангад, хори сафед, сарканак, хингбед, хуншуд, чинхор, ҷангалхор (Hippophae rhamnoides), як навъ бутта ё дарахти хурдест аз оилаи санҷидиҳо. То 3 – 11 м қад мекашад. Пӯстлохи тана ва шохҳои ғафсаш бӯри зардтоб ё сиёҳ, навдаҳои бисёрсолааш хокистарранги серхор; хораш сахту тез (дарозиаш 2 – 7 см). Навдаи наврустаташ аз пашмаку пулакчаҳо нуқрагун метобад. Баргаш борики нештаршакл (дарозиаш 2 – 8 см, бараш 0,2 – 0,7 см), думчадор (0,1 – 0,2 см), бедандона. Гулаш ҷудоҷинса; гули модинааш думчакӯтоҳ, сабзтоб ва нисбатан калонтар буда, 2 – 5 (баъзан 9)-тоӣ дар бағали шохчаҳои наврусташ ҷой мегирад; гули наринааш зард буда, 6 – 20-тоӣ дар хӯша ғун шудааст. А. дар шароити табиӣ моҳҳои апр. – май гул мекунад. Даври гулшукуфташ 7 – 10



Шохчаи мевадори ангат.

шаборӯз; гулаш сершахд. Мевааш донакдори гирда ё байзашакл, рангаш норинҷӣ ё сурхтоб, сершираи нордон, таъми ананас дорад; донакаш (вазни 1000-тоаш 12 – 13,2 г) ҷигарранги ҷилодор. Мевааш аз авв. моҳи авг. то ох. окт. мепазад. Дар таркиби меваш 11 – 60 мг% каротин (провитамини А), витаминҳои Е (8 мг%), С (316 – 500; дар ширааш то 900 мг%), В (0,97 мг%), B_1, (0,016 – 0,035 мг%; дар ширааш 0,1 – 0,18 мг%), B_2, (то 0,56 мг%), B_6, (0,003 – 0,079 мг%) ҳаст. А. ҳамчунин 3,56 – 8% қанд, то 2,6% кислотаҳои органикӣ, 2,64% моддаҳои даббоғӣ, то 9% равғани сурхтоб ё норанҷӣ, кверсетин ва изорамнетин, донакаш 240 мг% каротиноидҳои ҳархела, ликонин, тараксантин, фитофинин дорад. Дар мағзи донакаш 12 – 13% равған, инчунин витаминҳои B_1 (то 0,28 мг%), B_2 (то 0,38 мг%), Е ва Г (110 – 165 мг%), каротин (40 – 100 мг%) ҳаст. Барги А. 8 – 9% (шохчаи наврустааш то 10%) моддаҳои даббоғӣ, кверсетин, изорамнетин, миритсетин дорад.

А. хоси ҷангалзори соҳили дарёҳост. Бештар водии дарёчаҳои кӯҳиро фаро мегирад. Дар соҳили бисёр дарёҳои ҷумҳурӣ пештар ангатзорҳои анбӯҳу касногузар мавҷуд буданд. Онҳоро дар баъзе мавзеъҳо бурида ҳезум кардаанд. А. асосан дар қ.-кӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, мавзеъҳои ҷан. ва шарқии Тоҷикистон, Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ (дар баландии 400 – 3800 м аз с. б.) месабзад; дар ҷойи кушоду офтобрӯя беҳтар нашъунамо мекунад. Ба гармо ва сармо тобовар аст. Аз тухм ва бо роҳи нашвӣ (бехҷаст, фарғуч) зиёд мешавад. Тухми А.-ро тоза карда, тирамоҳ дар

чуқурии 9 – 10 см мекоранд. Баъди як сол ниҳолашро ба ҷойи доимӣ кӯчат мекунанд. Бехҷасташ зуд қад мекашад. Аз 3 – 6-солагӣ ба ҳосил медарояд. Аз ҳар бехи он 7 – 9 (баъзан то 16) кг мева меғундоранд. Меваашро тару тоза истеъмол мекунанд, ба таом меандозанд. Онро аксар вақт аввалҳои зимистон меғундоранд, чунки аз таъсири сармо нордон, ширин ва хушбӯй мешавад. Аз меваи А. мураббо, ҷем, моқут, полуда, ангатоб, шарбат ва ғ. тайёр мекунанд; дар қаннодӣ низ истифода мешавад. Табибони халқӣ ҷӯшоб ва оби меваи А.-ро барои тақвияти кори узвҳои ҳозима, табобати илтиҳобу захми меъда, зангила, саратони сурхрӯда тавсия медиҳанд. Истеъмоли ҷӯшоби меваю барги А. рехтани мӯи сарро бозмедорад. Ҷӯшоби донакаш мусҳил аст. Бо равғани ангат касалиҳои гуногуни пӯст, амрози занона, захми меъдаю рӯдаи дувоздаҳангуштаро табобат мекунанд.

Ад.: Запрягаева В. И., Лесные ресурсы Памиро-Алая, Д., 1976; Трофимов Т. Т., Облепиха в культуре, М., 1976; Флора Таджикской ССР, т. 6, 1981; Растения для декоративного садоводства Таджикистана, М., 1986; Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989. *М. Ҳочиматов.*

АНГЕЗА́, таъсироти ботинӣ ё беруние, ки дар *ретсепторҳо* (асабҳои ҳассос) ангезишро ба вуҷуд меоваранд. А.-ҳои биогенӣ (аҳамияти мустақими биологӣ дошта), абиогенӣ (аҳамияти ғайримустақими биологӣ дошта) ва номуайян (дорои аҳамияти биологии ошкор нагардида)-ро фарқ мекунанд. А.-ҳои абиогенӣ (дар шароити ҳассосияти организм ба онҳо) ҳамчун сигналҳо зоҳир мешаванд, чунки организм ба А.-ҳои биогенӣ ва номуайян ҷавоб мегардонад. Таъсироти моддии табиаташон гуногун (физикавӣ, химиявӣ, физикавию химиявӣ), ки онҳоро торҳои махсуси асаби анализаторҳои гуногун, ё бевосита ҳуҷайраҳои баъзе узвҳо ва бофтаҳо қабул мекунанд, ба сифати А. баромад карда метавонанд.Ниг. низ *Ангезиш, Анализаторҳо*.

АНГЕЗА́И КАСАЛӢ, мавҷудотеро гӯянд, ки боиси сар задани касалиҳои сироятии одаму ҳайвонот ва растанӣ мегарданд. Ба А. к. бактерияҳо, занбӯруғҳо, риккетсияҳо, микоплазмаҳо, вирусҳо ва ғ. мансубанд. А. к. ба организм бо роҳи нафас, аъзои ҳозима, роҳҳои бавлу таносул, пӯст, милки чашм дохил мешавад. Як гурӯҳи ангезандаҳо бевосита дар хун, лимфа ва дохили ҳуҷайраҳо инкишоф ёбанд, гурӯҳи дигар бо хун ба узвҳо ва бофтаҳои дигари организм мегузаранд. Ҷои ба организм дохилшудаи А. к. илтиҳоб пайдо карда, дар узвҳо тағйироти рефлексӣ, иммунологӣ ва морфологӣ ба амал меояд, ҷараёни мубодила дар организм халал меёбад. Ба А. к.-и растаниҳо ва дарахтони мева занбӯруғ, бактерия, вирус, организмҳои микоплазмамонанд, содатаринҳо, обсабзҳо ва баъзе растаниҳои пӯшидатухм мансубанд. А. к. чанд навъ мешавад: якумин – ба дарахтони мева бори аввал сироят мекунад (мас., ангезаи касалии ҷел); дуюмин – баъди сироят кардани мавҷудоти касалиовари ибтидоӣ ба растанӣ дохил мешавад (мас., ангезаҳои тосаки пенисиллёзӣ ва аспергиллёзӣ баъди аз пероноспороз сироят ёфтани ток); мутаҷовиз – ба растанӣ ворид шуда, ғизо мегирад ва дар бофтаҳои он афзоиш мекунад (мас., ангезаҳои пероноспороз, ҷел); махсус – ба узвҳои муайяни растанӣ ё гурӯҳи растаниҳое, ки ба ҳам қаробат доранд, сироят менамояд (мас., ангезаҳои серкоспороз, меланоз); яккаҳомил – ҳама давраҳои инкишофаш дар як намуди растанӣ ё навъҳои ба ҳам наздик мегузарад (аксари А. к.-ҳои ток); гуногунҳомил – ҳар давраи инкишофи онҳо дар растаниҳои намудҳои гуногун мегузарад (мас, занбӯруғҳои ангезаи касалии занга); биотрофӣ – аз моддаҳои растании ҳомил ғизо мегиранд (мас., ангезаи ҷел ва тосаки хокистарранг); некротрофӣ – пеш аз дохил шудан ба ҳуҷайраи растании ҳомил бо заҳри худ ҳуҷайраро маҳв сохта, аз бофтаҳои маҳвшуда ғизо мегиранд; заҳрӣ – заҳр хориҷ карда, растании ҳомилро касал мекунад (мас., ангезаҳои вертисиллёз, армилляриоз, пенисиллёз); гистотропӣ – фақат дар бофтаҳои муайяни растании ҳомил инкишоф ёфта, афзоиш мекунад (мас., ангезаи сурхакони ток фақат ба рагҳои барг осеб мерасонад). Аз рӯи манбаи сироят А. к.-ҳо аэрогенӣ – бо ҷараёни ҳаво паҳн шуда, ба рӯи растанӣ мешинанд (ангезаҳои ҷел, тосаки хокистарранг) ва хтоногенӣ – ба растанӣ аз хок ворид мегарданд (ангезаҳои вертисиллёз, армилляриоз, фузариоз) мешаванд. А. к. ба растанӣ танҳо дар мавриди муҳайё будани шароити мусоиди ғизогирӣ ва инкишоф сироят мекунад.

АНГЕЗАҲО́И РӮШДИ РАСТАНӢ, пайвастҳои табиӣ ё сунъи, ки рушду инкишофи растаниро метезонанд. Ба А.-и табиӣ фитогормонҳо (аз қабили ауксинҳо, гиббереллинҳо, ситокининҳо) ва баъзе витаминҳо мансубанд. Баъзе А., бахусус аз гурӯҳи ауксинҳо (гетероауксин, кислотаи индолбутанат ва кислотаи α-нафтилласетат)-ро бо роҳи синтез ҳосил кардан мумкин аст. Моддаҳои гурӯҳи ауксинҳоро барои тезондани решагирии қаламчаҳои дарахтони мева (олу, олуболу ва ғ.) ва растаниҳои ороишӣ истифода мебаранд. Моддаҳои гурӯҳи гиббереллинҳо рушди поя ва раванди ҳосилшавии меваро метезонанд. А.-ҳои сунъӣ фаъолияти ингибиторҳои рушди даруниро қисман суст карда, фаъолияти фитогормонҳоро афзун мегардонад. А.-ро дар шакли маҳлул, хамира, эмулсия, аэрозол, буғ истифода мебаранд. Дар натиҷаи кор фармудани А. дарахтони мева зуд гул карда, самар меоранд, андозаи мева калон (мас., ангур) мешавад. А.-ро барои пешгирии рехтани меваи дарахтони себу нок, аз ҳолати карахтӣ баровардани тухмӣ, зуд пухта расондани меваҳои ғундошта ва ғ. низ ба кор мебаранд. Ниг. низ *Ауксинҳо, Гиббереллинҳо, Кининҳо, Танзимкунандаҳои рушди растанӣ.*

Ад.: Никелл Л. Дж., Регуляторы роста растений, М., 1984; Кефели И., Прусакова Л. Д., Химические регуляторы растений, М., 1985.

АНГЕЗАҲО́И ФАЪОЛИЯТИ АСА́Б, доруҳое, ки фаъолияти рӯҳӣ ва чисмонии организмро метезонанд. А. вобаста ба хусусияти таъсир қувватбахш, рӯҳгиро (психотропӣ), рӯҳнавоз, ноотропӣ ва ғ. мешаванд. Баъзе давоҳои дигар низ хусусияти А.-ро доранд, чунончи, алкалоидҳои стрихнин, секуринин ва бархе аз давоҳои наботӣ. Стрихнин ва секуринин марказҳои ҳароммағзро меангезанд. Стрихнин узвҳои ҳис, аз ҷумла фаъолияти анализаторҳои босираро низ ангезиш медиҳад. Доруҳои мазкурро асосан дар мавриди нимфалаҷ ва фалаҷ, заъфи умумии мубодилаи моддаҳо, беҳолӣ (астения) таъйин мекунанд. Давоҳои наботӣ бештар дар ҳолатҳои хастагӣ, астения, гипотензия ва ғ. таъйин карда мешаванд. Доруҳои қувватбахш фаъолияти марказҳои муҳими майнаи дарозрӯяро, ки нафаскашӣ ва гардиши хунро танзим менамоянд, пурзӯр мегардонанд. Кофеин, кофур, стрихнин ва ғ. доруҳои қувватбахши асосӣ мебошанд. Дар мавриди истифодаи доруҳои рӯҳафзо хастагӣ то андозае рафъ, қобилияти корӣ барқарор ва табъ болида мешавад. Доруҳои рӯҳнавоз ҳангоми рӯҳафтодагии ботинӣ эътимодбахшанд. Баъзеи онҳо таъсири норадреналин (гормони мағзи ғадуди болои гурда)-ро

пурзӯр мекунанд.Ниг. низ *Доруҳои ангезишовар, Доруҳои рӯҳафзо.*

АНГЕЗИ́Ш, қобилияти ба таъсири муҳити берунӣ ва дохилӣ ҷавоб гардонда тавонистани организми зинда. Тағйироти омилҳои муҳити беруна боиси дигаргунии мубодилаи моддаҳо мешавад; организми зинда аз ҳолати нисбатан ором ба ҳолати фаъол мегузарад. Материяи зинда А.-ро ҳис карда, ба он бо ҳолати тағйирёбии ғайримахсус (тез шудани мубодилаи моддаҳо, тағйир ёфтани потенсиали электрӣ, ҳолати физколлоидии протоплазма) ё махсус (гузарондани импулси асаб, кашиш хӯрдани мушак, ҷудо шудани луоб) ҷавоб мегардонад.Ниг. низ *Ангезаҳои фаъолияти асаб.*

АНГИДРИ́Д (аз юн. an – зарраи манфӣ ва hydor – об), пайвасти химиявии ягон элемент бо оксиген, ки дар натиҷаи аз кислотаи дахлдор ҷудо кардани об ҳосил мешавад. А.-и кислотаҳои ноорганикӣ ва органикӣ маълуманд. А.-и кислотаҳои ноорганикиро дар натиҷаи бевосита оксидонидани моддаҳои содаи дахлдор ба даст меоранд. Мас., ҳангоми сӯхтани сулфур дар ҳаво А.-и кислотаи сулфит SO_3 ҳосил мешавад. Дар натиҷаи минбаъд оксидшавӣ он ба А.-и кислотаи сулфат SO_2 табдил меёбад. Аксарияти А.-ҳои ноорганикӣ моддаҳои гигроскопӣ буда, намиро ба худ мекашанд. Аз ин рӯ онҳоро чун маводи хушконанда истифода мебаранд. Мас., А.-и фосфат P_2O_5 яке аз хушконандаҳои фаъол аст. Ба А.-и кислотаҳои органикӣ А.-и атсетат $(CH_3CO)_2O$, А.-и бензоат $(C_6H_5CO)_2$ ва ғ. мансубанд. А.-и кислотаҳои органикӣ дар саноати химия чун воситаи атсилонанда (барои ба пайвастҳои химиявӣ дохил намудани боқимондаи кислотаҳои карбон RCO) истифода мешавад.

АНГИДРИ́Т, 1) минерал, формулаи химиявиаш Ca $[SO_4]$. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ; кристаллҳояш пулакчаю призмашакл ва псевдокубӣ. Рангаш сафед, хокистарӣ, кабудча ва сурхча. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос – 3 – 3,5; зичиаш 2800 – 3000 кг/м^3; зудшикан. Аз намии ҳаво ҳаҷмаш то 30% афзуда, ба *гипс* табдил меёбад. Дар ҷинсҳои таҳшин, хусусан дар доломитҳо, оҳаксангҳои доломитдор, конҳои намак, гипс, баъзан дар рагҳои гидротермалӣ вомехӯрад; 2) ҷинси таҳшинест, ки асосан аз минерали ангидрит иборат буда, маҳсули таҳшини химиявии сулфати калсий дар кӯлу мурдобаҳои хушкшаванда мебошад. Дар табиат аксар қабат-қабат мехобад. А. ҳамчун нурии минералӣ ва барои тайёр кардани семент ба кор меравад. Конҳои он дар ноҳ-ҳои Исфара, Темурмалик ва водии Вахш мавҷуданд.

АНГИ́ЛИЯ, Ангиля, Ангуилла (Anguilla), давлат, мулки Британияи Кабир. Дар ҷаз. ҳамноми гурӯҳи Ҷазираҳои Хурди Антил, дар Вест-Индия воқеъ гашта, дар Шим. бо Уқёнуси Атлантик, дар Ҷ. бо Баҳри Кариб ҳамсарҳад аст. Ба ҳайати А. якчанд ҷаз-ҳои хурд (калонтаринаш Сомбреро) вориданд. Дарозии А. қад-қади соҳил 61 км, масоҳ. 108 км^2, аҳолиаш 14436 нафар (2009). Пойтахташ ш. Валли. Воҳиди пулӣ – доллари Кариби Шарқӣ. Ҳудуди А. борику дароз ва ҳамвор (нуқтаи баландтаринаш аз с. б. 65 м) аст. Хокаш асосан аз оҳаксанг иборат буда, атрофаш бо рифҳои марҷонӣ иҳота шудааст. Кони намак ва захираи фосфат дорад. Иқлимаш тропикии пассатӣ, гарм. Набототи А. саваннагии хушкидӯст. Соҳилҳои А. аз моҳӣ ва дигар ҳайвоноти баҳрӣ бой аст. 92 фоизи аҳолии А. америкоиҳои африкоинажод, боқимонда – дурагаҳо ва сафедпӯстон. Забони расмӣ – англисӣ. Аҳолӣ мӯътақиди чараёнҳои гуногуни динӣ буда, протестантизм бартарӣ дорад. Иқтисоди А.-ро асосан соҳаи хизматрасонӣ, шикори ҳайвоноти баҳрӣ, истеҳсоли конструксияҳои оҳанубетонӣ, ром, истихроҷи намак ва фосфат ташкил медиҳад. Савдояшро асосан бо ШМА, Тринидад ва Тобаго, Британия ба роҳ мондааст. Соҳаи кишоварзӣ он қадар тараққӣ накардааст. Барои таъмини эҳтиёҷоти дохилӣ картошка, нахӯд, ҷуворимакка, чойҷуворӣ кишт мекунанд; бо чорводорӣ – парвариши гӯсфанд, буз, хук ва парандапарварӣ машғуланд. Роҳҳои автомобилгард (105 км), бандарҳои баҳрӣ ва аэропорти байналхалқӣ дорад.

АНГИ́НА (аз лот. ango – бугӣ мекунам), гулӯдард, захрбод, бемории сирояти, ки чун илтиҳоби



Ҷазира – қуллаи кӯҳи зериобӣ.



Илтиҳоби бодомакҳои гулӯ.

бодомакҳои ком зоҳир мешавад. А.-ро асосан стрептококкҳое ба вуҷуд меоваранд, ки ба гулӯ аз ашёи рӯзгор (мас., косаву табақи шахси бемор) ворид мешаванд. Гоҳо микробҳои дар гулӯ мавҷудбуда, ки одатан А.-ро намеангезанд, зери таъсири шароити номусоид (мас., хунукӣ ё ногаҳон тағйир ёфтани ҳарор. муҳит) фаъол мегарданд. Баъзе одамон, агар яхмос хӯранд, пояшонро тар ё оббозӣ кунанд, дарҳол ба А. гирифтор мешаванд. Моддаҳои гуногуни муассир (дуд, чанг, шароб ва ғ.), ҳамчунин мавҷудияти *аденоид* ё дигар иллатҳои пешгоҳи ком, ки боиси иллати роҳи нафаси бинӣ мегарданд, ба пайдоиши А. мусоидат мекунанд. Газаки бинӣ ва ҷавфи он (мас., *Гайморит*), инчунин илтиҳоби ҷавфи даҳон (дандонҳои пӯсида) боиси зуд-зуд хурӯҷ кардани А. мегарданд. Ҳангоми А. гулӯ танг ва хушк шуда месӯзад, вақти фурӯ бурдани туф ё хӯрок дард мекунад, бемор бемадор, сар вазнин ва таб пайдо мешавад. А. 7 – 8 рӯз давом карда, бо шифоёбии бемор анҷом меёбад. Агар бемор ба духтур дер мурочиат кунад, маслиҳати ӯро ба ҷо наорад ё бо худмуолиҷа машғул шавад, мумкин аст оқибати А. нохуш гардад. Римхонаи атрофи бодомак (думбали назди бодомак) аз ҷумлаи анҷоми бади А. аст. Он баъд аз 2 – 3 рӯзи нест шудани зуҳуроти беморӣ пайдо мешавад. Таби бемор якбора баланд (39 – 40^{0}C) шуда, гулӯ сахт дард мекунад; бемор обу хӯрок хӯрда наметавонад, даҳонро бо душворӣ мекушояд. Дар аснои тӯл кашидани беморӣ римхонаи назди бодомак васеъ ва гулӯ танг мешавад, нафаскашӣ қатъ мегардад. Хӯроки бемор бояд гуногун ва сергизо бошад. Истеъмоли хӯроки тунду тез, гарму дурушт манъ аст.

А. беморие сироятӣ аст, бинобар ин бемор бояд косаву табақ ва сачоқи алоҳида дошта бошад. Шахсе, ки ба бемор нигоҳубин мекунад, бояд дасташро зуд-зуд шуста, онро бо атр, спирт ва ғ. тоза кунад. Косаву табақи

беморро 10 – 15 дақ. ҷӯшонда, сарулибоси ӯро алоҳида шустан лозим аст. А. дар аксар одамон дар давоми чанд сол гоҳ-гоҳ такрор мешавад. Дар баъзе мавридҳо таъсири иллати бодомакҳо боқӣ монда, газаки шадид ба газаки музмин мубаддал мегардад (ниг. *Тонзиллит*).

Бехдошти муҳит, хусусан дар шароити истеҳсолот бартараф кардани чангу ғубор, дуд, таҳти назорати духтур гирифтани ашхосе, ки зуд-зуд гирифтори А. мешаванд, роҳҳои асосии пешгирии беморианд. Майнӯшӣ ва тамокукашӣ низ ба пайдоиши А. мусоидат мекунанд. На фақат таъсири никотин, балки таъсири ҳарор. дуд ва маҳсули тақтири хушки тамоку низ боиси илтиҳоби пардаи луобии гулӯ мегарданд. Тамокукашӣ хусусан ҳангоми беморӣ зарар дорад (аксар вақт боиси якбора бад шудани аҳволи бемор мегардад).

Ад.: Самарина В. Н., Сорокина О. А., Детские инфекционные болезни, М., 2000; Учайкин В. Ф., Руководство по инфекционным болезням детей, М., 2001; Педиатрия, М., 2006. *Б. Шамсиддинов.*

А́НГИО... (аз юн. angeion – раг), қисми калимаҳои мураккаб, ки маънои «раг» (дар одам), «системаи рагҳо» (дар ҳайвонот ё наботот)-ро дорад, мас., *ангиография, ангионевроз, ангиоспазм* ва ғ.

АНГИОГРА́ФИЯ (аз *ангио...* ва *...графия*), усули тадқиқи рентгенологии рагҳои хунгарди узвҳои гуногун (мағзи сар, дил, шуш, гурда ва ғ.) бо роҳи ба онҳо ворид намудани маводи контрастӣ, ки барои организм безарар мебошанд (чунин моддаҳо сояи аниқ дошта, ҷараёни ташхисро осон мегардонанд). А.-ро бо мақсади омӯзиши бо хун таъмин шудани узв ва ошкор намудани бемориҳои рагу бофтаҳо истифода мебаранд.

АНГИОКАРДИОГРА́ФИЯ, ба даст овардани тасвири рентгении шараён, варид ё ҷавфи дил баъди ба онҳо фиристодани моддаҳои контрастӣ. А. имкон медиҳад, ки хусусиятҳои анатомӣ ва тағйироти дар натиҷаи бемориҳо рухдода, ҳамчунин самти ҳаракати хун дар узвҳои мазкур ошкор карда шаванд. Ба сифати моддаи контрастӣ аз пайвастҳои йод истифода мекунанд. Дар мавриди гумонбарӣ аз ягон иллат, мас., нуқси девораи байни даҳлезҳои дил, моддаи контрастиро ба ҷойи осебёфта ё ба камера бо фишори нисбатан зиёд мефиристанд. Ҳангоми аз нигоҳи техникӣ пеш омадани ягон душворӣ (барои дуруст ҷой гирифтани катетер мамониат мекунад) моддаи контрастӣ ба ҷойи осебёфта ҳарчи наздиктар фиристода, ҳаракати он дар навор қайд карда мешавад. Солҳои охир бо мақсади А. аз компютерҳо истифода мебаранд.

АНГИОЛО́ГИЯ (Angiologia; аз *ангио...* ва *...логия*), вазология, як бахши тиб, ки сохт, фаъолият, бемориҳо ва усулҳои ташхису табобати рагҳои хун ва лимфавиро меомӯзад. Истилоҳи А.-ро бори нахуст *Ҷолинус* пешниҳод кардааст. Ӯ амалиёти ҷарроҳии дар як қисми раги хунгард гузаронидаро А. номид. Шарҳи имрӯзаи А. ба олим Л. Ҳейстер дахл дорад. Дар инкишофи таълимоти ангиологӣ Везалий, Малпиги ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

АНГИОНЕВРО́З (аз *ангио...* ва *невроз*), ихтилоли фаъолияти асабҳои рагҳои хунгард. Аломатҳои А. ногаҳон паридани ранг ё сурх шудани пӯст, варам кардани он, серарақӣ, эҳсоси сӯзиши бадан, карахтӣ ва ғ. мебошанд. А. ҳангоми бемориҳои асаб ва рӯҳӣ ба мушоҳида мерасад.

АНГИОСАРКО́МА, омоси рагҳо. Табиати саратонӣ дошта, кам ба мушоҳида мерасад. Такр. 60 фоизи беморӣ пӯст ва бофтаҳои нарм, такр. 40 фоизи он ҷигар, устухонҳо, сипурз ва ғадуди ширро фаро мегирад. Ҳама навъҳои А. аз ҳуҷайраҳои эндотелӣ ба вуҷуд меоянд. А., одатан, дар сар, гардан, қисми мӯйдори сар, баъзан дар ҷоғи боло ва поён, бодомакҳо, ханҷара падид меояд. Бештар дар мардҳои калонсол (аз 60-сола боло) ба назар мерасад (занҳо ба А. ду баробар камтар гирифтор мешаванд).

АНГИОСПА́ЗМ (аз *ангио...* ва *спазм*), ихтилоҷи артерияҳои майда, ки гардиши хуни узву бофтаҳоро суст мекунад. А. ҳангоми бемориҳои фишорбаландӣ, шақиқа, стенокардия ва ғ. мушоҳида мешавад. Сабаби А. метавонанд сактаи майна, сактаи дил ва дигар бемориҳо бошанд. Дар натиҷаи А. деворааи рагҳо дучори тағйирот мегардад (*атеросклероз*).

АНГИОСТОМИЯ́, вазостомия, яке аз усулҳои ҷарроҳӣ. А.-ро олимон Фелкер ва Белфилд бо мақсади муолиҷаи илтиҳоби манидон пешниҳод кардаанд. Ҷарроҳӣ зери беҳиссозии ҷузъӣ (мавзеӣ) гузаронда мешавад. Бурриши ҷойи амалиёт калон нест (4 – 5 см).

АНГИ́ШТ (давраи ангишт), карбон, давраи панҷуми геологӣ аз авв. эраи полеозой. Бо ҳарфи С ишора мешавад. Онро бори нахуст с. 1822 У. Конибир ва У. Филлипс дар Британияи Кабир муқаррар кардаанд. Давраи А. 285 млн сол пеш оғоз шуда, 65 –70 млн сол давом кардааст. Давраи А. аз даврахои дигар бо олами органикии хоси худ ва инкишофи пуравҷаш фарқ мекунад. Аз намояндагони олами ҳайвоноти давраи А., махсусан, хазандагон, обихокиҳо, ҳашарот ва ҷонварони бахрӣ – фораминифераҳо (фузулинидҳо), мшанкаҳо, брахиоподҳо, криноидеяҳо, бластоидеяҳо, хорпуштҳои бахрӣ, марҷонҳо, нармбаданони гуногун ва ғ. инкишоф ёфтаанд. Олами набототи давраи А. аз каламитҳои азим ва мунмунаҳо (лепидодендронҳо ва сигиллярияҳо), кордаитҳо ва папоротникҳои (сарахсҳо) дарахтмонанд иборат буд. Дар охири ин давра аввалин дарахтони сӯзанбарг пайдо шуданд. Қариб тамоми хушкиҳоро ин гуна растаниҳо фаро гирифтанд. Иқлими давраи А. ба иқлими тропикии ҳозира наздик буд. Фаровонии наботот, иқлими гарми сернам ва ботлоқзору мурдобаҳои бисёр боиси пайдоиши қабатҳои ғафси ангиштсанги материкҳо шуданд. Дар ҳудуди давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ ҷинсҳои давраи А. масоҳ. хеле васеъро ишғол мекунанд. Дар давраи А. дар натиҷаи ҳаракатҳои пурзӯри чиндоршавӣ (даври тектоникии герсинӣ) дар Урал, Тиёншони Ҷанубӣ, Европаи Ғарбӣ ва дигар минтақаҳо кӯҳҳо ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи амалиёти магмавии ҷинсҳои интрузивӣ (гранитҳо, диоритҳо, приоксенитҳо) ва эффузивӣ (туфҳо, туфобрекчияҳо, лаваҳо) пайдо шуданд. Ҷинсҳои таҳшини давраи А. аз регсанг, конгломерат, оҳаксанг ва варақсангҳо иборатанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон ҷинсҳои давраи А. аз оҳаксанг, варақсанг ва ҷинсҳои вулқонӣ иборатанд, ки ғафсиашон то 7 км мерасад. Дар ҷинсҳои давраи А. ба ғайр аз конҳои ангиштсанг, бисёр конҳои маъдани оҳан, манган, мис, сурб, руҳ, алюминий, фосфорит, сангҳои қиматбаҳо, нефт, газ ва ғ. ҷой доранд.

АНГИ́ШТ, маъдани сахти сӯзанда, ки аз наботот ба вуҷуд омадааст. А. табиӣ ва сунъӣ мешавад. А.-и табиӣ хуб месӯзад. Сифати сӯхтанаш ба миқдори моддаҳои органикии он вобаста аст. Агар ҷинс моддаи органикии кам дошта, хокистараш аз 50% зиёд бошад, ҷинси ангиштдор меноманд. А.-и табиӣ вобаста ба пайдоиши моддаҳои якумини органикиаш ду навъ мешавад: гумолитҳо ва сап-

роселитҳо. А.-и сапроселити серхокистар варақсанги сӯзанда аст. Якхела набудани моддаҳои якумин ва фарқи ҷудошавию бадалшавии онҳо боиси гуногун шудани ҷило, ранг, зичӣ, таркиби ҷузъҳои хурдтарин ва микросохтори он гаштааст. Гуногунии А.-и табиӣ ба якхела набудани моддаҳои якумин ва фарқият дар раванди инҳилол ва мубаддалшавӣ вобаста мебошад. А.-и табииро аз ҷиҳати дараҷаи метаморфизми моддаи ангиштҳосилкунанда (авв. наботот ба торф ва сипас он ба А. табдил меёбад) ба А.-и бӯр, *ангиштсанг* ва *антратсит* ҷудо мекунанд.

А.-и б ӯ р радаи поёнии А.-и табиӣ буда, аз торф ба вуҷуд меояд ва се навъ (хока, сахт, лигнит–чалаангишт) мешавад. Таркибаш аз кислотаи гумин, моддаҳои органикӣ – битумҳо, зифт ва ғ. иборат буда, то 24 МҶ/кг гармӣ медиҳад. А.-и бӯрро аз рӯи ҷило, таркиби петрографӣ ва хокистару намӣ тасниф мекунанд. А.-и бӯр чун ашёи хоми саноати химия ва сӯзишворӣ истифода мешавад. Калонтарин конҳои А.-и бӯр дар ШМА, Россия, Чехия ва Германия воқеанд. Дар Тоҷикистон якчанд конҳои А.-и бӯр мавҷуданд, ки калонтаринашон кони «Шӯроб» аст.

Ангиштсанг ҳам А.-и табиӣ буда, дараҷаи ангишт шуданаш ба марҳилаи миёнаи метаморфизм рост меояд. Ҳарор. сӯзишаш аз 24 МҶ/кг зиёд, миқдори моддаҳои бухоршаванда аз 9% кам мебошад. Рангаш сиёҳ ё хокистарранги сиёҳтоб. Таркибаш моддаҳои органикӣ (карбон, гидроген, оксиген, каме нитроген ва ғ.) ва минералӣ (сулфур) дорад. Ангиштсанг, одатан, бо тамғаҳои ангиштсанги баландоташ, газӣ, газии равғаннок, равғанин, коксшаванда, пурра пухташаванда, коҳида, антратситӣ (ниг. *Антратсит*) ва ғ. истеҳсол ва чун сӯзишворӣ дар саноати химия, металлургия ва ғ. истифода мешавад. Дар Тоҷикистон калонтарин кони ангиштсанг «Фон-Яғноб» буда, захираш зиёда аз 900 млн т аст.

А.-и ч ӯ б мансуби А.-и сунъист. Бо роҳи дар қӯра ва реторта бе ҳаво тафсондани чӯб ҳосил мекунанд; гармии сӯзишаш 29,4 – 34,02 кҶ/кг. Ба туфайли хосиятҳои баланди адсорбсионӣ доштанаш дар баъзе равандҳои металлургӣ, истеҳсоли силитсийи кристаллӣ, карбосулфид, дар рӯзгор ва хоҷагии халқ истифода мешавад.

А.-и ч о з и б (фаъол)-ро, ки ба А.-и сунъӣ мансуб аст, аз А.-и табиӣ ё А.-и чӯб бо роҳи нест кардани моддаҳои зифт ҳосил мекунанд. Хосияти адсорбсионии А.-и ҷозиб хеле баланд аст. Онро дар техникаи баландвакуум, саноат, тиб ва ғ. истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон 13 кон ва зиёда аз 15 зуҳуроти А. мавҷуд аст (ниг. конҳои *Шӯроб, Фон-Яғноб, Могиён, Ғузн, Кишутут–Заврон, Зиддӣ, Назар Айлоқ, Тошқутан, Ҳакимӣ, Сайёд, Миёнаду, Шӯрообод, Равнов*). Дар ҷумҳурӣ соли 2010 184 ҳазор т А. истихроҷ шудааст. *Р. Охунов.*

АНГИШТОБҲО, ниг. *Карбогидратҳо.*

АНГКО́Р – маҷмӯъи маъбадҳои а-ҳои 9–13 дар қисмати шимолии Камбоҷа. Масоҳ. 260 км. Аз 200 иншооти дорои тасвирҳои муқарнас ва нақшу нигори бой иборат аст. Қисмати марказии А.-ро димнаи пойтахти давлатии кхмерҳо Яшодхарапура (ох. а. 9) ва Ангор – Тхом (ох. а. 12), «Маъбадкӯҳҳо»-и буддоию бараҳманӣ, ансамбли маъбадҳо, ки калонтаринашон маъбади Ангкор – Ват (тақ. 1113 – 50) – аҳроми росткунҷаи (1300 х 1500 м) сезинагӣ (баландиаш 66 м) буда, бо панҷ манораи гули нилуфаршакл ба итмом мерасад, ишғол менамоянд. Дар а. 15 А. бенигоҳубин ва зери буттаҳои ҷангал монда буд. А.-ро с. 1601 М. Рибандейрои испанӣ, бори дуюм с. 1861 А. Муои франсавӣ кушоданд. Солҳои 70 а. 20 А. аз харобкориҳои ваҳшиёнаи «кхмерҳои сурх» сахт зарар дид.

Ад.: Маршаль А., Ангкор, М., 1963



Намуди умумии маҷмааи Ангкор.

АНГЛЕЗИ́Т, з о к и с у р б, минерал, формулаи химиявиаш $PbSO_4$; миқдори PbO – 73,6 %. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ, кристаллҳояш ба шакли дипирамида, ҷадвал ва қаламча. Бештар ба намуди массаҳои зичи дона-дона ё хока вомехӯрад. Рангаш сафед, тобишҳояш хокистарӣ, зард, сабз, кабуд ва ғ. Сахтиаш 2,5 – 3; зичиаш 6100 – 6400 кг/м^3; алмосҷило. Дар қисми болоии конҳои сурб дар натиҷаи оксидшавии галенит (PbS) пайдо мешавад. Дар конҳои полиметаллии Қаромазори Тоҷикистон бисёр вомехӯрад. Аз А. сурб ҳосил мекунанд.

АНГО́Б (аз франс. engobe), рангест, ки онро аз гил тайёр мекунанд ва дар кулолӣ истифода мебаранд. А. с а ф е д (аз навъи гилҳое, ки ҳангоми дар хумдон пухтан ба ҳуд ранги сафед мегирад) ва р а н г а (ҳангоми пухтан бо иловаи маддаҳо ранг мегирад) мешавад. А.-ро одатан ба рӯи зарфи сафолӣ пас аз хушкидан ва пеш аз пухтан мемоланд, ки он ранги аслии зарф ва ноҳамвориҳои сатҳи онро нопадид мекунад. А. дар Осиёи Миёна аз даврaҳои неолит (а. 4 – 3 то м.) маълум буд. Дар замони атиқа (а. 4 то м. – а. 4 м.) асосан А.-и сурх ва ҷигарӣ истифода мешуд. Дар замони Қарахониён (а. 11 – 12) бештар А.-и сафед ба кор мерафт. Аввал А.-ро ба рӯи зарф молида, баъд нақш мекашиданд. Баъзан аз рӯи А. ба зарф сири шаффоф ҳам мемолиданд. А. ҳозир ҳам дар кулолӣ, истеҳсоли хишти ранга ва ороиши бино истифода мешавад.

АНГО́ЛА (Angola), Р е с п у б л и к а и А н г о л а, (Republica de Angola), давлат дар ҷан. ғарбии Африка, дар соҳили Уқёнуси Атлантик. Дар Шим.-Ш. бо Республикаи демократии Конго (РДК), дар Шим. бо Республикаи Конго, дар Ҷ. бо Намибия, дар Ш. бо Замбия ҳамсарҳад аст. Як қисми заминаш бо номи музофоти Кабинда дар шакли анклав байни сарҳади Республикаи Конго ва РДК ҷойгир аст. Масоҳ. 1246,7 ҳазор км^2. Аҳолиаш 13,1 млн нафар (2010). Пойтахташ – ш. Луанда. А. аз ҷиҳати маъмурӣ ба 18 музофот тақсим шудааст. Иди миллӣ – Рӯзи истиқлолият (11 ноябр). Воҳиди пулӣ – кванза.



Парчам ва нишони Ангола.

Сохти давлатӣ. А. – республикаи президентӣ. Конститутсияи амалкунанда с. 1992 қабул шудааст. Сардори давлат – Президент, ки бо раъйпурсии умумихалқӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад. Ҳукуматро ноиби Президент сарварӣ мекунад. Мақоми олии қонунбарор – Маҷлиси Миллии якпалатагӣ (220 намоянда дорад, ки ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешаванд). Мақоми олии судӣ – Суди олӣ, ки Президент таъйин мекунад. А. узви СММ, Иттиҳоди ягонагии Африка ва ғ. мебошад.



Қисми соҳилии Луанда бо шоҳроҳаш.

Табиат. Табиати А. зери таъсири ҳодисаҳои геологӣ ва уқёнус аз қадим боз тағйироти зиёдеро аз сар гузарондааст. Қисми зиёди (бештар аз 90%) ҳудуди А. паҳнкӯҳест (баландиаш зиёда аз 1000 м), ки ба сӯи Ғ. баланд шуда (кӯҳи Моко, 2620 м), дар Ш. бо пастии назди баҳр интиҳо меёбад. Иқлимаш гарм: дар ноҳияҳои марказии мамлакат – экватории муссонӣ, дар соҳили баҳр – тропикии пассатӣ. Ҳарор. миёнаи моҳи гармтарин (март ё апр.) аз 24° то 26°С, моҳи салқинтарин (июл ё авг.) аз 16 то 20°С. Боришоти солона дар ноҳияҳои марказӣ 750 – 1500 мм, дар минтақаҳои назди соҳил: Шим. 250 – 500 мм, Ҷ. 50 – 100 мм. Дарёҳои асосӣ: Касай, Кванго, Кунене, Кванза, Кубанга. Дорои кӯлҳои бисёр аст. А. аз чиҳати сарватҳои табиӣ яке аз бойтарин мамлакатҳои Африка буда, захираҳои калони нефти, алмос, ангишти сиёҳтоб, маъдани оҳан, мис, манган, инчунин боксит, фосфорит, уран, тилло, намаки калий ва ғ. дорад. Олами набототи А.-ро саваннаҳо бо растаниҳои буттаӣ ва дарахтони баргрез (дар Шим.), растаниҳои буттаии хордор ва алафзор (Ҷ.), бешазорҳои тропикӣ ва хушки саваннагӣ (ноҳияҳои маркази кишвар), бешазори нами тропикӣ (водиҳои дарёҳо) ташкил медиҳанд. Бешаҳои камдарахт қариб 40 фоизи масоҳ. А.-ро ишғол намудаанд. Дар соҳилҳои наздибаҳрӣ дарахти нахл зиёд аст. Ба олами ҳайвоноти А. фил, каркадан, шер, гуроз, юз, паланг, говмеш, гӯрхар, горилла, ғизол ва ғ. дохил мешаванд. Ҳудудҳои ҳифзшавандаи А. боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳои зеринанд: Порту-Алешандри, Лвандо, Кисама, Камея, Миландо, Мупа, Бикуар, Мосамедшӣ ва ғ. Боронҳои дарозмуддат, обхезиҳои пайдарпай хатарҳои табиии минтақаҳои алоҳидаи А. мебошанд. Масоили экологии А.: қир шудани намудҳои биологӣ, нобуд ва кам шудани бешазорҳо (махсусан бешазорҳои тропикӣ, ки ба эрозияи хок меоварад), биёбоншавӣ, ифлосшавии манбаъҳои обу обанборҳо, норасоии оби ошомидanӣ.

Аҳолӣ. Аксарияти аҳолии А. бантузабонанд. Аз европоиҳо асосан португалиягиҳо зиндагӣ мекунанд. Забони расмии давлатӣ – португалӣ. Аз забонҳои африкоии мансуби гурӯҳи банту дар А. амбунду (мбундуи чанубӣ), кимбунду (мбундуи шимолӣ), овимбунду, киконго, чокве, кваняма мавриди истифодаанд. Халқи А.-ро асосан панҷ гурӯҳи этникӣ: оримбунда ё овимбунду (37%), мбанда – амбунду (25%), баконго (13%), бунда – гокве (8%) ва кгантуэла (6%), инчунин халқиятҳои гангуэла, амбо, хереро, нханека-хумбе ва ғ. ташкил медиҳанд. Қавмҳои дурагаи африкоиву европоӣ (мулатҳо) 2 фоиз ва сафедпӯстон 1 фоизи аҳолианд. Қариб нисфи аҳолӣ пайрави мазҳабу динҳои анъанавии маҳаллианд; 38% католик, 15% мӯътақиди протестантизм. Аҳолии шаҳрнишин 34% (аз 3/4 он сокини Луанда). Шаҳрҳои калонаш: Уамбо (Ҳуамбо), Квито, Маланже, Бенгела, Кабинда, Лобиту.

Маълумоти таърихӣ. Асри 6 м. ҳудуди ҳозираи А.-ро қабилаҳои банту ишғол карданд. Дар а. 13 дар Шим. А. давлати Конго, дертар давлатҳои дигар барпо гардиданд. То вақти ба А. омадани экспедитсияи португалиягиҳо бо сардории Диогу Кана (1482) дар он давлатҳои тавонои Ндонго, Лунда, Баконго, Матамба ва Касанже буданд. Соли 1483 португалиягиҳо ба истилои А. сар карданд. Онҳо дар соҳили А. якчанд истеҳком ва с. 1578 ш. Сан-Паулу-ди-Луанда (Луандаи ҳозира)-ро бунёд намуданд. То авв. а. 20 португалиягиҳо танҳо минтақаҳои наздисоҳилиро таҳти тасарруф дошта, барои дарунтари мамлакат даромадан чуръат намекарданд: ҳар як кӯшиши онҳо дучори муқобилати шадиди мардуми маҳаллӣ мегашт. Мас., с. 1620 шоҳбонуи Ндонго ва Матамба – Зинга Мбанди Нгола бо мустамликадорон муборизаи беамон мебурд. То миёнаи а. 19 шуғли асо-



сии португалиягиҳо ғуломфурӯшӣ (асосан ба Бразилия) буд. Танҳо аз с. 1580 то 1680 зиёда аз 1 млн ғулом аз А. бурда шуд. Мувофиқи ҳисоби мутахассисони СММ дар зарфи 300 сол бо ин мақсад наздики 5 млн одам аз мамлакат бароварда шуд. Ин боиси ниҳоят кам шудани аҳолии А. гардид. Соли 1830 ғуломфурӯшӣ манъ шуд. Солҳои 1885 – 95 дар рафти мубориза барои тақсими мулкҳои бурунмарзӣ ҳукуматҳои Португалия, Британия, Германия ва Белгия байни ҳам якчанд шартнома баста, сарҳади А.-ро дақиқан муайян намуданд ва он мустамликаи Португалия эълон гардид. Баъди инқилоб дар Португалия (1910) дар А. якчанд ҷамъият ва ҳаракатҳои сиёсӣ пайдо шуданд (Лигаи Ангола, Лигаи Миллии Африка ва ғ.). Солҳои 1950 – 60 дар А. се ташкилоти асосии истиқлолхоҳ нуфуз пайдо карданд, ки зимни ҳадафҳои сиёсӣ ғаразҳои этникӣ доштанд. Нахустин ҳизби сиёсӣ – Иттиҳоди мардуми Анголаро намояндаи қабилаи баконго Х. Роберто таъсис дод, ки он с. 1956 Фронти миллӣ-озодихоҳии Ангола (ФНЛА) ном гирифт. Он аз ҷониби Португалия таъқиб мешуд. Роҳбарияти ҳизб дар Заир ҷой гирифта, худро ҳукумати бадарғашудаи А. эълон кард. Дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ аз худи ФНЛА ташкилоти дигари мансуби қабилаи авимбундо – Иттиҳоди миллӣ баҳри истиқлолияти Ангола (УНИТА) таҳти сарварии Ж. Савимбӣ ба вуҷуд омад. Соли 1956 зиёиёни чапгарои африкоӣ ва мулатҳо ташкилоти худ – Ҳаракати халқӣ барои озодкунии Ангола (МПЛА)-ро таҳти роҳбарии Агостино Нето таъсис доданд. Ин ташкилот ҳам таъқиб мешуд. Пешвоёни он ба хориҷа ҳиҷрат намуданд. МПЛА-ро СССР дастгирӣ мекард. Ташкилот аз хориҷа истода ба мубориза роҳбарӣ ва отрядҳои партизанӣ ташкил мекард. Ибт. с-ҳои 70 а. 20 МПЛА 20 фоизи кишварро идора мекард. УНИТА ва ФНЛА ба давлатҳои Ғарб таваҷҷӯҳ доштанд ва мехостанд бо Португалия забон як кунанд. Португалия ба ин ду ташкилот кумаки ҳарбӣ расонд ва А. соҳиби мақоми мухторияти маҳаллӣ шуд. Баъди сарнагун шудани ҳокимияти Салазар дар Португалия (1974), ҳукумати нав А.-ро давлати мустақил эълон карда, ба ӯ ҳуқуқи худмуайянкунӣ дод. Янв. 1975 дар ш. Алвори Португалия оид ба ташкил намудани ҳукумати коалитсионии давраи гузариш созишнома ба имзо расид. Аммо коалитсияи (паймони) аз МПЛА, ФНЛА ва УНИТА таъсис додашуда ба чизе муваффақ нашуд, чунки ҳар яке аз инҳо мавқеи иҷтимоию этникӣ ва ҳадафҳои хешро дошт. Ин ихтилоф ба ҷанги граждани оварда расонд, ки он 27 сол (то 2002) давом кард. 11 ноябри 1975 роҳбарияти МПЛА мамлакатро Республикаи Халқии Ангола ва Агостино Неторо президенти он эълон кард. Ду қувваи дигар инро ғасби давлат дониста ба ҳомиёни хеш рӯ оварданд. Республикаи Африкаи Ҷанубӣ (РАҶ) ва Заир ба А. қӯшун даровардand. Ба ин моҷаро давлатҳои бузург кашида шуданд: ШМА ФНЛА ва УНИТА-ро, СССР МПЛА-ро дастгирӣ мекарданд. Охири моҳи марти 1976 ба А. қӯшунҳои советӣ ва қисмҳои армияи Куба ворид шуда, қувваҳои ҳарбии РАҶ ва Заирро аз А. ронданд, силоҳбадастони ФНЛА ва УНИТА қисман торумор гардиданд. Ҳукумати МПЛА тамоми ширкатҳо ва корхонаҳои бузурги саноатиро миллӣ кунонд. Соли 1977 дар анҷумани якуми МПЛА бо роҳи сотсиализм рафтани А. ва ба ҳизб табдил ёфтани ин ҳаракати халқӣ эълон гардида, он МПЛА – Ҳизби меҳнат (ҲМ) ном гирифт. Соли 1979, баъди марги А. Нето, сарвари МПЛА – ҲМ ва Президенти А. Ж. Э. душ Сантуш таъйин шуд. Баъди барҳам хӯрдани СССР ва бекор шудани режими апартеид, роҳбарияти МПЛА-ҲМ раванди сиёсати худро тағйир дод. Соли 1988 қӯшунҳои РАҶ ва Куба аз А. бароварда шуданд. Комитети марказии МПЛА-ҲМ ба «сотсиализми демократӣ» ва ба роҳ мондани иқтисодиёти махлут – ба ҳам овардани капитали давлатӣ, хусусӣ ва хориҷӣ самт гирифт. Моҳи майи 1991 дар Лиссабон бо иштироки СММ, СССР, ШМА, Португалия ва ҳамсоядавлатҳои А. байни Ҳукумати А. ва УНИТА созишнома ба имзо расида, оид ба таъсис додани армияи ягона, озод кардани асирони ҳарбӣ, ҷорӣ намудани бисёрҳизбӣ ва интихоботи озоди парламенту президент тавофуқ ҳосил шуд. Дар мамлакат 30 ҳизб ба қайд гирифта шуд. Соли 1992 мамлакат Республикаи Ангола ном гирифт. Дар интихоботи с. 1992 Президенти А. душ Сантуш 49,5% ва Савимбӣ 40,07% овоз гирифтанд. Дар парламент низ бештари курсиҳо ба Маҷлиси Миллӣ расид. Роҳбарияти УНИТА натиҷаи интихоботро ботил бароварда, бо ин баҳона ҷанги нав оғоз кард (гарчанде ёрӣ аз ШМА ва РАҶ надид, вале конҳои алмоси А. дар тасарруфи Савимбӣ буд). Ин ҷанг мамлакатро ба нуқтаи ниҳоии фоҷиа расонд: аз гуруснагию сарсонӣ рӯзе ҳазор одам нобуд мешуд. Сент. 1993 Шӯрои Амнияти СММ ворид кардани аслиҳа ва маҳсулоти нефтиро барои УНИТА манъ кард ва февр. 1995 ба А. қӯшунҳои сулҳдӯстонаи хешро (7 ҳазор нафар) ворид намуд. Муддате мусолиҳаи миллӣ ба даст омад. Аммо ох. с. 1998 Савимбӣ зидди ҳукумати қонунӣ боз амалиёти ҳарбӣ сар кард. Баъди марги Савимбӣ (февр. 2002) дар Луанда 4 апр. 2002 оид ба оштии ҳукумати мамлакат бо ташкилоти шӯришгари УНИТА созишнома ба имзо расид. Пешвои нави УНИТА Лакумба эълон кард, ки ташкилот ба мақоми оппозитсияи легалӣ мегузарад ва минбаъд талабҳояшро бо воситаҳои сиёсӣ ҳал мекунад.

Иқтисодиёт. Асоси иқтисоди А.-ро истихроҷу коркарди саноатии маъдани қӯҳӣ ташкил медиҳад. Коркарди маҳсулоти нефт бартарӣ дошта, содироти он 88 фоизи ҳаҷми ММД-ро дар бар мегирад (2010). Захираҳои нефти мамлакат 4,2 млрд т, истихроҷи он соле 40 млн т аст. Ин яке аз омилҳои пешрафти иқтисодии А. нисбати дигар давлатҳои Африка гардид. А. асосан нефт, инчунин моҳӣ, маҳсулоти ҷангал, пахта ва ғ. содир карда, маҳсулоти саноатӣ, воситаҳои нақлиёт, дорувор, маҳсулоти нассоҷӣ, хӯрокворӣ, лавозимоти ҳарбӣ ва ғ. ворид менамояд. Харидорони асосии маҳсулоти содиротии А.: Хитой, ШМА, Франсия. Дар А. наздики 1,5 млрд квт-соат нерӯи барқ истеҳсол мешавад. Соҳаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, чӯбкорӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли сигор тараққӣ кардааст. 80 фоизи аҳолӣ ба кишоварзӣ машғуланд. Маҳсулоти асосии соҳа: қаҳва, найшакар, муз, ҷуворимакка, пахта, тамоку, сабзавот. Чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳидории баҳрӣ ба роҳ монда шудааст.

Нақлиёт. Дарозии р. о. – 2,8 ҳазор км². Магистрали асосии р. о. аз Ғ. ба Ш. тӯл кашида, Республикаи Демократии Конго ва Замбияро бо бандари Лобитуи А. мепайвандад. Дарозии умумии роҳҳои мошингард – 76,6 ҳазор км. А. 249 аэропорт дорад (аэропорти байналхалқӣ дар Луанда). Дарозии роҳҳои обии дохилӣ (киштигард) – 1295 км; флоти баҳрии тиҷоратӣ дорад. Бандарҳои асосиаш: Амбриз, Кабинда, Лобиту, Луанда, Малонго, Нимбе ва ғ. Лӯлаҳои интиқоли газ, интиқоли нефт ва маҳсулот дорад.

Тандурустӣ. Ба ин соҳа 4,4 фоизи ММД рост меояд. Дар А. бемориҳои сироятӣ ва паразитии вараҷа, сил, инфексияи рӯдаю меъда, махав паҳн шудааст. 70 фоизи духтурон хориҷианд. Соли 2007-ум 2,1 фоизи аҳолӣ гирифтори СПИД буд. Ҳар сол аз ин беморӣ дар А. 10 – 11 ҳазор нафар мемирад. Аз 1000 нафар тифлони то яксола 178-ашон (дар ҷаҳон ҷойи аввал) мефавтанд.

Маориф ва илм. Баъди истиқлолият (1975) дар тамоми мамлакат таълими умумии ибтидоӣ ҷорӣ гардид. Дар мактабҳои ибтидоӣ мӯҳлати таълим 4 сол ва дар мактаби миёна 7 сол мебошад. Ҷанги шаҳрвандӣ ба инкишофи соҳаи маориф таъсири манфӣ расонд. Бисёр чорабиниҳо дар соҳаи таълим пурра иҷро нагардиданд. Ҳоло қариб 40 фоизи аҳолии мамлакат (аз 15-сола боло) бесавод аст. Мувофиқи конститутсияи мамлакат таълими ҳатмӣ ва бепул дар тамоми қаламрави А. амал мекунад. Соли 1963 дар Луанда Донишгоҳи ба номи А. Нето (иборат аз 6 факултет) таъсис дода шуд. Дар А. донишгоҳи католикӣ низ амал мекунад. Дар А. Ин-ти гидрометеорология ва геофизика, Ин-ти тадқиқоти геологӣ, Маркази миллии тадқиқоти таърихӣ, Ин-ти тадқиқоти тиббӣ, Ин-ти тадқиқоти ветеринарӣ, Ин-ти илмӣ-тадқиқотии соҳаи пахтакорӣ, Ин-ти илмӣ оид ба омӯзиши забонҳои африкоӣ ва хориҷӣ, Ин-ти илмии педагогӣ ва тадқиқоти иҷтимоӣ фаъолият доранд.

Адабиёт. Адабиёти А. дар асоси жанри фолклории забонҳои банту – умбунду, кимбунду, гангелла ва ғ. арзи вуҷуд намудааст. Соли 1891 нависанда Ж. Д. Кордейру де Мата антологияи «Ҳикматҳои халқӣ дар зарбулмасалҳои анголӣ»-ро (ба забони кимбунду, бо ҳуруфоти лотинӣ) ба чоп омода намуд. Кастро Сорименю с. 1949 романи «Замини мурда» ва с. 1957 романи «Гардиш»-ро навишт, ки дар онҳо ҳаёти воқеии халқи А. ва вазъияти сиёсию иҷтимоии мамлакат ба таври объективӣ нишон дода шудааст. О. Рибаш с. 1958 китоби «Анъанаҳо ва худоёни мардуми Ангола» ва с-ҳои 1961 – 64 китоби афсонаю латифаҳоро бо номи «Мисоссо» (дар 3 ҷилд) ба табъ расонд. Адабиёти имрӯзаи А. бо забони португалӣ аз нимаи дуюми а. 19 зери таъсири ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ инкишоф ёфт. Бисёр асарҳо дар ин давра ба вазъи иҷтимоӣ ва мавзӯи озодихоҳию зиддимустамликавӣ бахшида шудаанд. Дар ох. а. 19 ва авв. а. 20 як зумра шоиру нависандагони бомаҳорат ба монанди Ж. С. Ферейра, П. Франку, П. Ф. Машад, А. Тронӣ, Ф. Каштелбранку ва дигарон ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд. Дар нимаи дуюми а. 20 ба пешравии адабиёти А. ҳаракатҳои маданию маърифатӣ бо номи «Ҳаракати шоирони нави Ангола» (1950) ва «Иттифоқи нависандагони Ангола» (1975) таъсири бузург расонданд. Дар ин давра эҷодиёти шоиру нависандагон А. Нето, А. Жасинту, К. Сороменo, Л. Виейра, М. Р. Монтейру ва дигарон дар байни халқ шӯҳрати зиёд пайдо намуд. Дар адабиёти ҳозираи А. се насли эҷодиро ҷудо менамоянд: «насли солҳои панҷоҳум», ки адабиётро як шакли муқобилият ба сохти мустамликадорӣ ва ғуломӣ медиданд; «насли хаёлпарастон», ки барои истиқлолият мубориза мебурданд ва «насли истиқлол», ки эҷодкорони ҷавонро муттаҳид карда, мақсадашон барпо намудани давлати сермиллати А. мебошад. Баъди ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ (2002) шоирону нависандагони А. дар навъҳои адабӣ ва равияҳои гуногуни эҷодӣ асар меофаранд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Анъанаҳои бадеии суннатии халқҳои А. то ба замони неолит мерасад. Қабилаҳои зироаткор маҳали зист- ро дар шакли даврагӣ ба нақша мегирифтанд: дар мобайн, дар майдон бинои ҷамъиятӣ, давродаври он манзилҳои истиқоматӣ ва дар ҳалқаи сеюм биноҳои хоҷагиро ҷой медоданд. Иқоматгоҳи анъанавӣ дар шакли росткунҷа ё муддавар сохта мешуд (манзилҳои каппагӣ ё чайламонанди бо чӯбу хас пӯшидашудаи бомаш ба ду тараф моил ё махрутшакл). Дар ҷануб бому деворҳо бо лой андуда мешаванд. Ҳоло ин намуд биноҳо дар деҳоту қасабаҳо вомехӯранд. Дар замони пеш санъати кандакорӣ дар чӯб хеле тараққӣ карда буд. Хусусан кандакории дару сутунҳо, сохтани ҳайкалчаҳои гуногуни ҳайвоноту одамон (чун балогардон ва тӯмор), курсиҳои пешвоёни қабила, бофтани ашё аз нав- даву растаниҳо (бӯрё, сабад, халта) ривоҷ ёфт ва ҳоло ҳам идома дорад. Дар ороиш бештар нақшҳои содаи чоркунҷа ё дандонашакл, рангҳои сиёҳу зард ва хокистарӣ истифода мешаванд. Ҳунари анъанавии таҳҷоӣ – ниқобофарӣ (кандакорӣ ё бофташуда) мебошад. Анголагиҳо дар тӯйу маросимҳои оммавӣ ҳоло ҳам санъати ниқобсозӣ ва дигар ҳунарҳои бофандагии худро намоиш медиҳанд.

Санъати мусиқии А. танҳо хоси халқҳои банту буда, дар он таъсири мусиқии арабҳо, ҳиндуҳо ва дигар халқҳо тамоман ҳис намешавад (дар дигар мамлакатҳои Африка ҳис мешавад). Мусиқии асосии халқҳои А.-ро ритм (зарб) ташкил медиҳад, ки он дорои шаклҳои ниҳоят бой, гуногун ва хеле мураккаб буда, бо созҳои зарбӣ (асосан табл) иҷро мешавад. Солҳои минбаъда зери таъсири мусиқии европоӣ шаклҳои нави санъати мусиқӣ дар А. инкишоф ёфтааст.

Осорхонаҳо. Дар А. 6 осорхона (бузургтаринаш Осорхонаи миллӣ бо бойгонии таърихӣ), якчанд нигористон мавҷуданд, ки намунаҳои ҳунари рассомӣ ва дигар ҳунарҳои бадеии хеле ҷолиб ва аз ҷиҳати пластика олии аз чӯб, биринҷӣ, устухони фил, сафол офаридашударо гирд овардаанд. Рассому ҳунармандони замони охир дар пайравӣ ба равияҳои европоӣ низ асар меофаранд. А. ду китобхонаи бузург – миллӣ ва шаҳрӣ дорад, ки ҳарду дар Луанда ҷойгиранд.

Ад.: Энсиклопедияи советии тоҷик, Д., 1978; Олейников И. Н., Ангола, М., 1960; География (географические названия), М., 2000; Новая Российская энциклопедия, М., 2005; Все страны мира (современный справочник), М., 2008.

Х. Муҳаббатов.

АНГО́Р, ангорзамин, киштзоре, ки баъди ғундошта гирифтани ҳосил дар он ҷо чорворо мечаронанд. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ ангорзаминҳо асосан дар доманакӯҳҳо ҷой гирифтаанд. А.-ро баъди чарондани чорво шудгор карда, то кишт дам медиҳанд.

АНГОРА, эскиз, 1) пиндор дар бораи қонуни сабабияти иртиботи ҳодисаҳо, шакли инкишофи илм, фарзия; 2) қайдҳои хомакии қаблии рӯи ин ё он чиз, ки мақсади асари бадеӣ, тарҳ ё нақшаи иншоот, механизм ва қисмҳои адоҳидаи онро муайян мекунад. А.-ро ҳангоми таъмир барои ба ҷои ҷузъи фарсуда сохтани ҷузъи нав истифода мебаранд. Дар истеҳсолот ҷузъи техникӣ бевосита аз рӯи А. бо риоя намудани талаботи стандарт сохта мешавад. А. барои банду басти композитсионӣ ва таносуби рангҳои асари бадеӣ мусоидат менамояд. А. сиёҳқаламӣ, суратгирӣ ва ҳаёкалтарошӣ мешавад. А. дар эҷодиёти рассомони номӣ мавқеи муҳим дошта, услуби эҷодиёти онҳоро муайян мекунад.

Т. Ҷӯраев.

АНГРЕ́Н (шакли вайроншудаи Оҳангарон), шаҳр (1941 – 46 шаҳраки Ангреншахтсрой) дар вил. Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Байни қ-кӯҳҳои Чатқол ва Қурама, дар

соҳили чапи д. Оҳангарон воқеъ гаштааст. Истгоҳи р. о. Аҳолиаш зиёда аз 130 ҳазор нафар (2006), асосан ӯзбекҳо, русҳо, тоҷикон, қирғизҳо, кореягиҳо ва ғ. Аз А. роҳи автомобилгарди Тошкент – Қӯқанд мегузарад. Маркази саноати ангишти Ӯзбекистон. Соли 1934 дар натиҷаи иктишофи геологӣ кони калони ангишт ёфт шуда, истихрочи он с. 1942 шурӯъ гардид. Дар сохтмони А. хатогӣ роҳ дода шуда, баъдтар маълум гардид, ки он болои кон ҷой гирифтааст ва зарурати ба дигар ҷой кӯчондани шаҳр пеш омад. Соли 1956 шаҳри нав 7 – 8 км дуртар аз А.-и пештара, дар ҷойи аз ангишт холишудаи мавзеъ бино ёфт. Корхонаҳои калонаш: комб. «Ӯзбеккӯмир» (Ангишти ӯзбек), Комб. маъданотозакунии «Каолин» (корхонаи муштарак бо Германия), з-дҳои истеҳсол ва таъмири таҷҳизоту техникаи саноати кӯҳӣ, конструксияҳои оҳанубетонӣ, семент, асфалт, металлҳои ранга. Дар А. корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ (комб. орд ва нонпазӣ), ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ӯзбекнефтегаз»,«Ангренкулол»,«Ӯзбекрезинатехника», «Ангрензот» низ ҳастанд. Ду нерӯгоҳи барқии ноҳиявӣ бо гази маҳаллӣ кор мекунад. Дар А. ягона дар мамлакат пойгоҳи зеризаминии истеҳсоли гази ангишт (бо усули пиролиз) фаъолият дорад. Дар А. филиали Донишкадаи педагогӣ, Донишгоҳи давлатии техникии Ташкент, техникумҳои кӯҳкорию геологӣ, сохтмон, омӯзишгоҳи тиббӣ, коллеҷи хизмати маишӣ, осорхонаи таъриху кишваршиносӣ мавҷуданд. ВАО-и А.: «Ангрен ҳақиқати», «Агренская правда», ширкати телевизион ва радиои «Орион-ТВ».

М. Шарифзода

АНГСТРЕ́М, воҳиди ченкунии дарозӣ, ки ба ҳиссаи даҳмиллиардяки метр баробар аст (1Å= 10^{-10} м). Ишораташ Å. А. асосан дар оптика, физикаи атом ва молекулавӣ, астрономия истифода мешуд. Ба шарафи физик ва астрономи швед А. Й. Ангстрем (Angstrem) номгузорӣ шудааст (1868). Сабаби дар илми физика дер боқӣ мондани истилоҳ он аст, ки андозаи тақрибии атоми гидроген ва рӯяи панҷараи атом ба А. баробаранд. Ҳозир ба ҷойиА. бештар нанометр (нм) истифода мешавад, ки ба 10 Å баробар аст.

АНГУБИ́Н, ниг. *Асал.*

«АНГУБИ́Н», номи тарона ва оҳанги қадимӣ, ки Борбад ба муносибати иди Наврӯз тасниф намудааст. А. ба қисми дуюми силсилаи «Хусравониёт» мансуб аст. Дар осори хаттӣ (ашъори классикони адабиёти тоҷикфорс, фарҳангҳо) ва дар мусиқии а-ҳои 11 – 12 хеле маъмул будааст. Дар мусиқии халқӣ ва классикии кунунии тоҷик амал надорад.

А. Раҷабов.

АНГУБИНҲОНА́, ниг. *Шон.*

АНГУДО́Н [Ferula foetida (≈ F. assa-foetlida)], анҷудон, анғӯза, гандабӯ, каврак, гиёҳест худрӯи бадбӯй (махсусан беху меваash). Бехаш турбмонанд, ғафс. Пояи рост (то 120 см қад мекашад), ғафс (кутраш 5 – 8 см) ва камшох дорад. Баргаш нарм (рӯяш бепашмак, пушташ серпашмак), зуд пажмурда мешавад; барги пояш нисбат ба баргҳои қисми болотари поя калон (дарозиаш то 40 см), думчадор. Гулаш 5-баргаи зардча (моҳҳои март – апр. мешукуфад). Асосан дар минтақаи шибоғ, боялиҷу ушнонзори биёбон, алафзори дашт, саксавулзор, регзор, доманакӯҳи зардхок ва гилхоку регхоки воҳаи д. Сир ва Тоҷикистони Ҷанубӣ (дар баландии 350 – 900 м аз с. б.) нумӯ меёбад. А. дар шароити тибиӣ аз тухмаш мерӯяд; соли 8 – 9-ум як маротиба гул карда, мева мебандад (апр. – май), сипас тамоман нобуд мешавад (растании монокарпӣ). Самғ ва шираи хушки беху пояи А. аз қадим бо номи «хилтит» дар тибби Шарқ машҳур аст. Онро дар байни бисёр кишварҳои Шарқу Ғарб харидуфурӯш мекарданд. Дискуридус (Диоскорид; а. 1 м.) хабар додааст, ки решаву пояи А.-ро бурида, ширааш ҷамъ меоваранд, бехтарини он бояд соф, сафедтоб бошад ва зуд ҳал шавад. Абуалӣ Сино самғи А.-ро (бо омехтаи дигар доруҳо) барои муолиҷаи дарди мафосил, фалаҷ, яракон, захми рӯда ва касалиҳои пӯст (шукуфа, думмал ва ғ.) истифода мебурд.



Шохчаи гулдори ангудон.

Табибони халқӣ бо самғи А. саръ, савдоӣ, зиқи нафас, сил, рагкашӣ, хала, миёндард, ҷароҳати бадан, касалиҳои пӯст (мас., пес) ва ғ-ро табобат мекарданд; барги навсабзашро бо чурғот омехта, ба шахсони гирифтори «оташак» ва саратон медоданд. Бехашро дар оташ пухта, ба омос мебанданд, самғаш киҷҷаро меронад. Пояи сероби навраси А.-ро (монанди *ров, рошак, касруф*) қазоққо мехӯранд, обаш ташнагиро мешиканад. Форсҳо ва ҳиндуҳо самғашро чун хӯриш ба таом меандозанд. Дар замонҳои пеш аз нахи бехи А. арғамчин мебофтанд.

Чорво А.-и тару тозаро намехӯрад. Баргашро реза карда мехушконанд ё силос мехобонанд. Баргу меваи онро барои зимистонгузаронии чорво захира мекунанд. Аз ҳар бехаш 0,5 – 1 кг мева меғундоранд, ки хеле серғизо (серсафедаву серравған) аст. Самғи А. шири говро меафзояд.

Шираи бехи А. 9 – 65% зифт, 12 – 48% самғ, 5,8 – 20% равғани эфир, кумаринҳо ва ғ. дорад. Равғани эфираш аз пайвастҳои сулфидҳои органикӣ (то 65%) иборат аст; аз он бӯи сир меояд. Дар решаи А. то 67% оҳар, то 9% зифт (0,4%-аш равғани эфир) ҳаст.

Ад.: Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

М. Ҳоҷиматов.

АНГУ́Р, инаб, раз, меваи ток, ки таъми ширин ва гуворо дорад. А. аз замонҳои қадим (энеолит) маълум аст. Навъи мазрӯи онро бори авval дар Осиёи Пеш, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд, Закавказия, Эрон, Афғонистон ва ғ. парвариш кардаанд. Ба ин гуфтаҳо маъхазҳои хаттӣ, мусаввараҳо, ҳайкалҳо, инчунин бозёфтҳои ҳафриётии тухми А. гувоҳӣ медиҳанд. Дар ҷаҳон беш аз 20 ҳазор навъи А., аз ҷумла 8 ҳазор навъи мазрӯи он маълум аст. Дар Тоҷикистон 236 навъ, аз ҷумла 193 навъи маҳаллии А. парвариш карда мешавад, ки аз ҳамдигар бо хосиятҳои ботаникию биологӣ фарқ мекунанд. А.-ро аз ҷиҳати мӯҳлати пухтан ба пешпазак, миёнапазак, дерпазак, аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ба камҳосил ва серҳосил, ҳамчунин аз рӯи тобоварӣ ба касалию зараррасонҳо, хушкитобоварӣ, сармобардорӣ ва ғ. ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мекунанд. Илова бар ин, А.-ро вобаста ба аҳамият шартан ба навъҳои хӯрданбоб (барои тару тоза истеъмол намудан), шаробӣ (барои



Зарифӣ.



Қарозанчол.



Рислинг.



Ангури кишмиши сиёҳ.



Кишмиши хушрӯ.



Нимранг.



Саперавӣ.



Ҳусайнии сурх.



Тоифии сурх.

истеҳсоли май, шампон, коняк ва ғ.), техникӣ (барои истеҳсоли афшура, нӯшокӣ, ангуроб, мураббо ва ғ.), мавизбоб, пайвандӣ, ороишӣ ва ғ. чудо менамоянд. Чунин таснифот имкон медиҳад, ки аз А. маҳсулоти хушсифат истеҳсол карда шавад. Баъзе навъҳои мавизбобро барои истеҳсоли май ва тархӯрӣ истифода бурдан, ҳамчунин навъҳои хӯрданбобро хушкондан ё аз он май, афшура, ангуроб тайёр кардан мумкин аст. Дар таркиби А.-и тару тоза то 30% қанди зудҳазм (асосан глюкоза, фруктоза) ва каме сахароза ҳаст. 1 кг А.-и тару тоза, ки дар таркибаш 17% қанд ҳаст, ба организми инсон сеяки миқдори ғизои якрӯзаро медиҳад. А. чун ғизои парҳезӣ, муқаввӣ махсусан ба кӯдакон, ашхоси аз беморӣ нав шифоёфта ва машғули кори вазнин тавсия дода мешавад. Тақр. 0,5 – 1,5 фоизи таркиби А.-ро кислотаҳои органикӣ – тартрат, чавҳари себ, лиму, оксалат, формиат, глюкирон, каҳрабо, ванилин ва ғ. ташкил медиҳанд. Онҳо хунро тоза карда, ба шираи меъда таъсир мерасонанд, ҳазми хӯроки серсафеда, тачзияи баъзе намакҳоро таъмин намуда, ба пайдоиши санги гурда монеъ мешаванд. Дар таркиби А. намакҳои маъданӣ ва микроэлементҳои фаъоли калий, калсий, натрий, фосфор, манган, оҳан, кобалт ва ғ. фаровон аст (онҳо мубодилаи моддаҳоро дар организм танзим ва қобилияти кории онро таъмин менамоянд). А. манбаи витаминҳои барои организм зарур – А, С, Р, В ва ғ. мебошад. Витамини Р хастагии организмро бартараф карда, бемории дилу рагро пешгирӣ мекунад. Он барои одамони гирифтори касалиҳои гурда, тарбод, бемориҳои сироятӣ муфид аст, якҷоя бо витамини С ба инкишо-

фи тафаккури кӯдакон таъсири мусоид расонда, ба саломатии ашхоси солхӯрда нафъ мебахшад. Аз ҷиҳати ғизонокӣ 1 л афшураи А. ба 1,7 л шир, 650 г гӯшти гов, 1 кг моҳӣ, 300 г панир, 500 г нон, 3 – 5 дона тухм, 1,2 кг картошка, 3,5 кг помидор, 1,5 кг себ, нок ё шафтолу баробар аст. Бинобар ин, А.-ро аз қадимулайём барои муолиҷаи касалиҳои гуногун истифода мебаранд. Дар «Махзан-ул-адвия»-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Муҳаммади Оқилӣ омада, ки «...Беҳтарин навъи он сафеди расидаи ширини шодоби бузургдона аст, ки пӯсташ нозук, тухмаш хурд ва донаҳояш дар миқдор баробар бошанд... Ангур беҳтарини меваҳост дар ғизоият ва тавлиди хуни солеҳ ва ба эътидоловарандаи мизоҷҳои ғализ ва софкунандаи хун ва дафъкунандаи моддаҳои савдоӣ ва эҳтироқия (сӯхташуда, вайроншуда) аст... Ба меъдаи рутубатноки бухордор зарар оварда, дар он бухорро меафзояд. Аз болои ангур хӯрдани оби сард бағоят фасодовар аст ва боиси истисқо ва табҳои афин мегардад... Ангуре, ки ду рӯз монда бошад, ҷиҳати дардҳои меъда ва рӯдаҳо ва гурдаю масона беҳтар аст... Ангури норас ва ғӯра афис (баҳамкашандаи даҳон), сард буда, қуввааи қобиза дорад...».

Дар нимаи дуюми а. 19 таркиби химиявии А. ҳаматарафа омӯхта шуд ва соҳаи нави тиб – *ампелотерапия* асоси илмӣ пайдо кард. А.-ро бештар барои табобати бемориҳои рӯҳӣ, хастагии ҷисмонӣ, камхунӣ, лоғарӣ, иллатҳои дилу гурда ва шуш тавсия медиҳанд. Истеъмоли А. барои паст кардани ғалаёни хун, балғамронӣ, муолиҷаи полиартрит, сил, тарбод ва зиқи нафас муфид аст. Дарачаи истеъмоли А. дар мамлакатҳои гуногуни дунё якранг нест. Мас., соле ба ҳар сари аҳолӣ дар Сурия, Урдун беш аз 40 кг, Булғория, Юнон, Туркия ва дигар мамолики Шарқи Наздик ва Осиё Марказӣ 15 – 30 кг, дар Италия, Испания, Португалия, Аргентина, Руминия, Венгрия, Франсия, ИДМ 4 – 10 кг А. рост меояд. Дар баъзе мамлакатҳо – Урдун, Юнон, Туркия, Англия, ШМА, ҳамчунин Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон мавизро бештар истеъмол мекунанд. А. ашёи хоми саноати майкашист. Дар ҷумҳурӣ аз А. майҳои «Изабелла», «Помир», «Тоифӣ», «Барно», «Шаҳринав», «Душанбе» истеҳсол карда мешаванд. Партовҳои онро низ бо мақсадҳои гуногун истифода мебаранд: аз тифолаи А. спирти этил, сирко, кислотаи тартрат, дурдаи май ва ғ., аз тухми он равғани ангур, аз тагас моддаҳои даббоғӣ мегиранд. Ғужми А.-ро барои хӯроки чорво ё якҷоя бо оҳак чун нурӣ истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон чунин навъҳои А. бештар парвариш карда мешаванд: пешпазак – Чиллагии сафед, Зарифӣ, Ҳисории пешпазак; миёнапазак – Кишмиши сиёҳ, Кишмиши хушрӯ, Кишмиши сафед, Ҳусайнии сафед, Қароҷанҷол, Султонӣ, Шакарангур, Анзоб; миёнапазак – Тоифии сурх, Нимранг; шаробӣ – Саперавӣ, Ркатсителӣ, Мускати сурх, Тавкверӣ, Тербаш, Тагобӣ, Морастел, Рислинг, Алиатико, Алиготе, Расмӣ, Кӯлҷонӣ, Пинос, Сиёҳ, Каберне-Совинон ва ғ. Минбаъд парвариши навъҳои Чиллагии хуҷандӣ, Сурхаки китобӣ, Мускати тоҷикӣ, Боботоғ, Миёна, Мухчалонӣ, Сангвор, Ҳусайнии сурх, Зебо, Кадуҳусайнӣ, Кишмиши сурх васеъ ба роҳ монда мешавад.

Ад.: Ампелография СССР, т. 1, М, 1965; Мержаниан А. С., Виноградарство, М., 1967; Пелях М. А., Справочник виноградаря, М., 1982; Смирнов К. В. (ва диг.), Виноградарство, М., 1987; Энциклопедия виноградарства, Кишинёв, 1987; Коваль Н. М., Настольная книга виноградаря, Киев, 1995; Виноградарство и виноделие, Киев, 1997; Сортовое районирование, Д., 2000.

Х. Маҳмадқулов.

АНГУРА́К (Rhamnus cathartica), олучаи хирсак, сиёҳбодом, бутта ё дарахтест худрӯй. То 8 м қад мекашад. Пӯстлохи танааш сиёҳтоб, навдаҳои наврустааш хокистарии сурхча. Баргаш думчадор, гирда, байзашакл ё дарозрӯя, нӯгтез (дарозиаш 2 – 8 мм). Гулаш зангӯламонанд (дарозиаш 4 – 5 мм), сабзи зардтоб, одатан 10 – 15-тоӣ аз бари барг мебарояд (моҳҳои май – июн мешукуфад). Меваааш мудаввар (қутраш 0,6 – 0,8 см), аввал сабз, баъдтар (авг. – сент.)



Шохчаи растании ангурак.

сиёҳи ҷилодор мешавад. Донакаш байзашакл (дарозиаш 5 – 6 мм), бӯри сиёҳтоб ё қаҳваранг.

А., одатан, дар ҷангалзори гармсер ва паҳнбарг, туғайзор, канори сою дарёҳо (қ-кӯҳҳои Қурама, Дарвозу Ҳисор, мавзеъҳои воҳаи д. Сир, ҷан. Тоҷикистон; 1000 – 1700 м баландтар аз с. б.) нумӯ меёбад. Бештар ҳамроҳи фарк, санҷид, дӯлона, бед, тилох ва ғ. месабзад. Дарахти беор аст. Ба осонӣ зиёд мешавад.

Табибони халқӣ бо ҷӯшоби шохчаву пӯстлохи А. захми меъда ва қабзияти меъдаву рӯдаро табобат мекунанд. «Чой»-и меваи хушкашро (1 қошуқ дар 200 мл оби ҷӯш, ки ним истакон пеш аз хоб менӯшанд) доруи исҳоловар меҳисобанд. Дар тибби муосир мева ва пӯстлохаш чун воситаи исҳоловар истифода мешавад. Аз пӯстлохаш «франгин» ном доруе мегиранд, ки ба қабзияти кӯҳна давост. Пештар бо меваи А. матои пахтагӣ ва шоҳиро ранг (сабз, зард, сурх) мекарданд. А. растании ороишӣ ва доруист. Онро дар соҳили д-ҳои Тоҷикистони Марказӣ ва Шимолӣ (дар баландиҳои то 1700 м аз с. б.) парваридан мувофиқи мақсад аст; одатан ниҳолҳои 2 – 3-соларо кӯчат мекунанд.

Ад.: Запрягаева В. И., Лесные ресурсы Памиро-Алая, Л., 1976; Флора Таджикской ССР, т. 6, Л., 1981.

АНГУРБО́Ғ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Оқғозаи ноҳ. Вахш. Аз А. то маркази ноҳия 8 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2081 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, чойхона ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзаваткорӣ, чорводорӣ ва боғу токдорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АНГУРЗО́Р, деҳа дар ҷамоати деҳоти Дурбати ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия 8 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 240 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғу токдорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

АНГУРИ КАЛО́Н, ниг. *Нимранг.*

АНГУРИ САГА́К, ниг. *Авранҷ.*

АНГУРИ СИЁҲИ КАЛОНДОНА́, Сиёҳи қазноқӣ, Сиёҳи рештӣ, навъе аз ангурҳои маҳаллӣ. Селексияи халқист. Баргаш сабзи баланд, миёнаҳаҷм (дарозиаш 14 – 15 см), гирда, 3 – 5-парра, чоки парраҳояш ҷукур. Ох. май гул карда, авв. сент. мепазад. Гулаш дучинса. Хӯшааш калон (дарозиаш 17 – 22 см, бараш 13 – 14 см, вазни миёнааш 370 – 400 г), шингилҳои


болоияш нағз инкишоф ёфтаанд. Ғужбаш калон (дарозиаш 18 – 20 мм, бараш 14 – 16 мм), лӯнда (вазни 100-тоаш 220 – 235 г), сиёҳи бунафштоб, 2 – 3 дона тухми хурд дорад. Мумпарда ва ғужмаш ғафс. Гӯшташ хамираки сероб, сершираву хуштаъм, мазаи шоҳтутро мемонад. Баъди пурра пухтан, то 21% қанд ва 6,2 – 6,9 г/л туршӣ дорад. Даври нашваш 142 – 146 рӯз. А. навъи хеле зудсабз ва серҳосил аст. Такр. 38 – 46 фоизи навдаҳояш самаровар; ҳангоми 5 – 7 буғум монда буридан ҳосили зиёд медиҳад. Ниҳолаш баъди 3 – 4 соли шинондан самар меорад. Аз 1 га токзораш 125 – 200 сентнер ҳосил меғундоранд. Ҳосилашро тар мехӯранд, мавиз мекунанд, дар майкашию истеҳсоли шампон истифода мебаранд. Барои ба чойҳои дур кашондан ва нигоҳ доштан (то февр. – март) мувофиқ аст. Токи он дар заминҳои лалмӣ низ хуб сабзида ҳосили хуб медиҳад. Асосан дар ҳаётаи сокинони ноҳ. Рашт ва деҳаҳои атрофи он вомехӯрад. Токаш ба сармо, камобӣ ва касалиҳои занбӯруғӣ (чел ва қарасон) тобовар аст.

Ад.: Ампелография СССР, Малораспространённые сорта винограда, т. 1, М., 1961; Ампелография СССР, справочный том, М., 1970; Рубан Н. Г., Сорта винограда Средней Азии, Ташкент, 1972. *Ҳ. Маҳмадқулов.*

АНГУРИ СИЁҲИ ХОНАТАРО́Ш, ангури сиёҳи мӯъминободӣ, навъе аз ангурҳои маҳаллӣ. Баргаш миёнаҳачми 3 – 5-парра, гулаш дучинса. Вобаста ба шароити парвариш хӯшаҳояш ҳачман гуногун (дарозиаш 18 – 23 см, бараш 15 – 16 см, вазнаш 270 – 340 г) мешаванд. Ҳар хӯша 95 – 120 ғужб дорад; ғужбаш калон (17×16 мм), лӯнда, сиёҳи чигаритоб (1 – 3-то тухм дорад). Ғужмаш хамираки сершира, нордони гуворо; ҳангоми пурра пухтан дар таркибаш 22 – 23% қанд ва 3,8 – 4,6 г/л туршӣ мавчуд аст. Токаш зудсабз, дар заминҳои обӣ ва лалмӣ хуб месабзад. То ох. тирамоҳ 80 – 85 фоизи навдаҳояш мерасад (44 – 48 фоизашон самароваранд). Ниҳолаш баъди 3 соли шинондан ба ҳосил медарояд. Дар шароити ноҳ. Мӯъминобод А. ох. май гул карда, ох. авг. мепазад. Аз 1 га токзор 120 – 135 сентнер ҳосил меғундоранд. Ҳосилашро тар мехӯранд, мавиз мекунанд, аз он мураббо мепазанд, дар майкашӣ истифода мебаранд. Барои зимистон нигоҳ доштан мумкин. Аз ҳачми тараш 26% мавизи сиёҳи калондона ҳосил мешавад. А. навъи хоси ноҳияи Мӯъминобод буда, бештар дар деҳаҳои он парвариш меёбад. Токаш ба сармо, камобӣ ва касалиҳои занбӯруғӣ тобовар аст.

Ад.: Рачабов Қ., Маълумотномаи токпарвар, Д., 1986; Ампелография СССР. Малораспространённые сорта винограда, т. 1, М., 1961. *Ҳ. Маҳмадқулов.*

АНГУРИ СИЁҲИ ҲИСОРӢ, навъе аз ангурҳои маҳаллии дерпазак. Навъи қадима аст. Баргаш миёнаҳачми сепарра, камчок (баъзан дандонадор), канорҳояш ба боло тобхӯрдаанд. Гулаш дучинса, хӯшааш калон (вобаста ба маҳали парвариш 258 – 430 г), махрутшакл (дарозиаш 19 – 23 см, бараш 14 – 15 см), шингилҳои болоияш нағз инкишоф ёфтаанд. Ғужбаш калони лӯнда, сиёҳи бунафштоб. Ғужмаш ғафси сахт, гӯшташ сероб, мулоим, нордони гуворо; 2 – 3 дона тухми майда дорад. Баъди пурра пухта расидан дар таркиби меваш 22 – 26% қанд ва то 5,5 г/л туршӣ мавчуд аст. А.-ро барои тарҳӯрӣ, мавиз кардан ва шаробкашӣ истифода мебаранд. А. яке аз беҳтарин навъҳои ангури шаробии водии Ҳисор аст. Даври нашваш 135 – 145 рӯз. Дар водии Ҳисор 18 – 25 май гул карда, 20 – 25 июл ранг мегардонад ва ох. сент. мепазад. Токаш зудсабз ва серҳосил, навдаҳояш (28 – 32 фоизи онҳо ҳосилдеҳанд) то тирамоҳ пурра мерасанд. Бо мақсади зиёд шудани ҳосил навдаҳояшро 5 – 7 буғум монда мебуранд. Токаш дар заминҳои лалмӣ суст месабзад ва ҳосили кам медиҳад. Дар токзори обии хоҷагии «Шаҳринав» аз ҳар га 189 – 246 сентнер ҳосил рӯёндаанд. А. чун навъи стандартии Тоҷикистон барои парвариш дар заминҳои обии вил-ҳои Хатлон, Суғд ва водии Ҳисор тавсия шудааст. Дар ноҳияҳои Деҳнав ва Сариосиёи вил. Сурхондарёи Ӯзбекистон низ парвариш мекунанд. А.-ро баъзан саҳван Сиёҳангур низ меноманд. Токаш ба сармо ва касалиҳои гардаю қаросон тобовар аст.



Ангури сиёҳи ҳисорӣ.

Ад.: Рачабов А., Маълумотномаи токпарвар, Д., 1986; Ампелография СССР. Малораспространенные сорта винограда, т. 1, М., 1963; Киселев Н. А., Винодельческие районы и вина Таджикистана, М., 1967; Кирилов И. Ф. (ва диг.), Виноградарство Таджикистана, Д., 1969. *Ҳ. Маҳмадқулов.*

АНГӮ́РИ СӮ́РХ,ниг. *Қурбонимошӣ.*

АНГУРКАНӢ, чамъоварии ангур. Аз якчанд амалиёт иборат аст: ба нақша гирифтани корҳои чамъоварии ҳосил ва муайян кардани мӯҳлати ғунучини он; чида ба зарфҳо андохтани ангур, аз токзор бароварда ба воситаҳои нақлиёт бор кардан, кашондан ва дар чойи истифода фароварда ни он. Барои дуруст ба роҳ мондани кор саривақт ва аниқ ба ҳисоб гирифтани миқдори ҳосил, мӯҳлати ғунучин ва давомоти он аҳамияти калон дорад. Ҳосил аз рӯи методикаи махсус (бо дарназардошти навъҳои ангури дар ҳар қитъа, бригада ва хоҷагӣ парваришкарда) пешакӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба миқдори ҳосили чамъоваришаванда ва мӯҳлати тахминии ғунучини он нақшаи кори хоҷагӣ, чадвали чамъоварӣ ва ба чойи истифода ё фурӯш бурда расондани ҳосил тартиб дода мешавад. Илова бар ин талаботи ҳаррӯза ба коргарон ва бо воситаҳои нақлиёт (барои кашондани ҳосил), либосҳои махсуси корӣ, асбобу анчом таъмин будани онҳо муқаррар карда хоҳад шуд. Нақшаи ғунучини ангурро бо нақшаи кори корхонаҳои саноатӣ ё ташкилоти маҳсулоттайёркунӣ ҳатман мувофиқ мекунанд. Барои муқаррар кардани мӯҳлати беҳтарини А. аз токзор мунтазам намунаҳо гирифта, таҳлил карда мешаванд. Ангурро саросар (якбора ҳамаи хӯшаҳоро чида мегиранд) ё интихобан (танҳо хӯшаҳои расидаашро чида мегиранд) меғундоранд. Корҳои А.-ро дастӣ ё ба тавассути мошинҳои махсус анчом медиҳанд. Ангури токзорҳои хурд дастӣ ғундошта мешавад. Коргар аз як ток ба токи дигар гузашта, хӯшаҳоро батартиб бурида ба зарф мегузорад, баробари пур шудан, зарфро ба чойи таъ йиншуда бароварда ба куттиҳо холӣ мекунад. Ҳангоми дастӣ ғундоштани ҳосил тақсими меҳнат натичаи дилхоҳ медиҳад, яъне як шахс хӯшаҳои ангурро чида ба зарф мерезад ва шахси дигар зарфи пурро бурда ба куттиҳо холӣ мекунад. Дар рӯзҳои борон, шабнам ва ниҳоят гарм будани ҳаво чидани ангур чоиз нест. Ҳангоми дастӣ чидан ангурро эҳтиёткорона бо қайчӣ, қайчии токбурӣ ё кордҳои

гуногун бурида мегиранд. Донаҳои ангури барои тарҳӯрӣ пешбинишуда бояд рехта ифлос нашаванд ва осеб наёбанд. Хӯшаҳои ангурро баъди кандан якбора аз қисмҳои иллатнок тоза кардан лозим аст, зеро барои ин кор вақти иловагӣ сарф мешавад. Дар токзорҳои калони саноатӣ А. қисман ё пурра механиконида шудааст (мас., аз байни қаторҳо баровардан ва ба воситаҳои нақлиёт бор кардани ҳосил). Дар баъзе хоҷагиҳо ангурро низ мошинҳои махсус мечинанд. Ангури навъҳои техникӣ бисёр вақт бе қуттӣ кашонда мешавад. Дар шароити Тоҷикистон навъҳои пешпазаки Дороӣ, Чиллагӣ ва Жемчуг – Саборо, ки дар миёнаҳои моҳи июн мепазанд, то ох. июл ҷамъоварӣ мекунанд. Кишмиши сафед ва Кишмиши сиёҳро барои хушкондан ва тайёр кардани мавизи соягӣ ва офтобӣ ох. авг. ё авв. сент. мекананд. Навъҳои мавизии Каттақӯрғонӣ, Васарға, Ҷавз, Шакарангур, Лаъли якдона ва Тагобиро то 15 сент. кандан лозим аст. Сари вақт ҷамъоварӣ накардани ангур боиси паст шудани сифати мавиз мегардад. Ҳангоми кандани ангурҳои шаробӣ, албатта, дарачаи ширинии онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Он навъҳои ангурро, ки барои зимис тон нигоҳ медоранд, ох. окт. пеш аз боридани барфу борон мекананд.

Ад.: Рачабов Қ., Дастури токпарвар, Д., 1986; Парфененко Л. Г., Промышленная культура технических сортов винограда в Молдавии, Кишинёв, 1983; Серпуховитина К. А., Морозова Г. М., Промышленное виноградарство, М., 1984; Коваль Н. М., Настольная книга виноградаря, Киев, 1995.

АНГУРҲОИ БЕДОНА́, навъҳои махсуси ангур, ки ғужбашон тухм надорад. Такр. 50 навъи А. б. маълум аст, ки маъмултарини онҳо Кишмиш (ба гурӯҳи экологӣ-географии шарқӣ мансуб аст) ва Коринкаҳо (ба гурӯҳи экологӣ-географии Баҳри Сиёҳ тааллуқ доранд) мебошанд. А. б. ғужби майда (ғужби баъзе навъҳои дурага калон аст) ва таъми хуш дошта, хеле ширинанд. А. б.-ро тар мехӯранд, аз онҳо мавиз, май, афшура тайёр мекунанд. Дар Тоҷикистон Кишмиши сафед, Кишмиши сиёҳ, Кишмиши сурх, Кишмиши сурхи туркманӣ, Кишмиши хушрӯ, Кишмиши ВИР ва дигар навъҳои А. б. парвариш карда мешаванд.

АНГУ́ШТ, қисми интиҳои дасту пои одам ва ҳайвонот. А.-и одам бинобар рост будани қомат ва ба узви корӣ табдил ёфтани даст куллан тағйир ёфтааст. А. қисми муҳими даст буда, барои доштани чиз, иҷрои амал ва ғ. хидмат мекунад. Сарангушт вазифаи идора карданро ба ҷо меорад, А.-и саббоба (А.-и ишорат) пас аз сарангушт ҳаракат мекунад, А.-и вусто (А.-и миёна) барои бо сарангушт ва А.-и саббоба чангаквор чизеро доштан пешбинӣ шудааст. А.-ҳои бинсир ва хинсир (А.-и ятимак) ба онҳо ёрӣ мерасонанд. Ҳар як А. буғум, мушак, раги хун ва лимфа дорад. Дар пӯсти А. асабҳои бисёр мавҷуданд. Ретсепторҳои он чун аъзои ҳис хидмат мекунанд (хусусан дар нӯги панҷа). Баъзан дар натиҷаи ихтилоли раванди инкишофи ҷанин дар батни модар адади А. каму зиёд мешавад ё кӯдак беангушт ба дунё меояд. Беангуштӣ адактилия, зиёдангуштӣ полиадактилия ва камангуштӣ олигоадактилия ном гирифтааст.

Ад.: Наглядная анатомия (тарҷ. аз англ.), М., 2002; Анатомия человека, М., 2004.

АНГУ́ШТ, ченаки қадимии форсу тоҷикии дарозӣ, ки ба вусъати банди (буғуми) ангушти хамида баробар аст. Мувофиқи дастхатҳои асримиёнагӣ А. баробари 6 донаи ҷави пайиҳам гузошташуда ё 36 қили аспи корӣ мебошад. А. ҳамчун ченаки мустақил ва бунёдии дигар ченакҳои дарозӣ (1/24 *газ*) истифода мегардид. Дар мамолики исломии асримиёнагӣ ду намуди А. маъмул буд: А. гази шаръӣ – 2,078 см (1/24 ҳиссаи аз-зираъ аш-шаръийа) ва А. гази «сиёҳ» – 2,252 см (1/24 ҳиссаи аз-зираъ ас-саъудӣ). Дар Осиёи Миёнаи а. 19 – авв. 20 баробари 2,18 – 2,28 см буда, дар Бухорои Шарқӣ лик ё чилик, дар Помири Ғарбӣ ангихт номида мешуд. *М. Холов.*

АНГУШТА́, ниг. *Панҷшоха.*

АНГУШТАРИ́Н, чала, афзори ороишест, ки аз нуқра, тилло ва дигар фулузот сохта ба ангушт меандозанд. Дар давраи палеолит А.-и устухонӣ, дар давраи неолит А.-и сангӣ ва дар асри биринҷӣ А.-и фулузӣ пайдо шуд. А. дар сарзамини тоҷикон аз қадим маъмул буда, дар замони мо низ асбоби зинати даст аст. Онро мувофиқи табъ хотамкорӣ ва нақшу нигор мекунанд. А. навъҳои гуногун дорад. А.-и чашмакдорро дар маҳалҳои гуногун аз рӯйи сохти ҳалқааш пашшахона, панҷарадор, бодомча ва ғ. меноманд. А.-и мардона низ ҳаст. Ин гуна А. аввал дар Мисри Қадим, баъд дар ҷойҳои дигар, аз ҷумла дар Тоҷикистон паҳн шуд. Нигини ин А.-ро катибаву тасвирот зинат медоданд. А. вазифаи мӯҳрро ҳам адо мекард. Духтарҳо аз 10 – 14-солагӣ ба ангуштонашон А. меандохтанд. А. дар қатори дигар асбобҳои зебу зинат ба маҳри арӯс ҳамчун тӯҳфаи домод



Навъҳои ангуштарин.

дохил мешуд. Замонҳои пеш А. доштани занҳо ҳатмӣ буд, зеро онро дар рафти ба ҷо овардани ягон ойин рамзи тозагии даст мешумурданд. Дар замони мо бо ташаккули анъанаҳои нав А. гирифтани занону мардҳо, хусусан наварӯсон расм шудааст. Арӯс ва домод рӯзи қайди ақди никоҳ чун рамзи ягонагӣ, садоқат ва вафодорӣ ба дасти якдигар А. меандозанд.

АНГУШТБУРА́К, ниг. *Кӯрмуш.*

АНГУШТЗАНӢ, перкуссия (аз лот. perkussio – оҳиста кӯфтан), яке аз усулҳои муоинаи узвҳои дарун. Дар тиб аз авв. а. 19 истифода мешавад. Ҳангоми ба сатҳи бадан ангушт задан, дар узвҳои зери он ҷойгирифта ҳаракатҳои лаппишнок ба вуҷуд меоянд, ки садо ва давомоти муайян доранд. Мас., шуш, ки ковок буда, ҳаво дорад, садои возеҳу рӯшан мебарорад; ҷигар ва мушакҳо, ки узвҳои пурраанд, овози паст медиҳанд. А. ду хел мешавад: топографӣ (мавқеи узвро муайян мекунад) ва муқоисавӣ (тағйироти узвро ошкор месозад). Пайдо шудани садои кунд дар ягон қисми шуш аломати илтиҳоб ё плеврит аст; садои нақорамонанд далели бисёр ҳаво доштани бофтаи шуш (мас., эмфиземаи шуш) ва дар шуш мавҷуд будани ҷавф (мас., киста) мебошад; садои кунди пахшшаванда аломати дар ҷавфи шикам вуҷуд доштани моеъ (мас., истисқо) аст.

АГУШТПОНА́, ангуштвона, ангуштбона, афзорест, ки ҳангоми дарздӯзӣ ба сари ангушт мепӯшонанд. А.-ро дар а. 17 заргари амстердамӣ Николай Бентонен ихтироъ кардааст (мувофиқи ривояте заргаре А.-ро барои озор наёфтани ангушто-



Ангуштбона.

ни маҳбубааш, ки гулдӯз буд, сохтааст). Дар байни халқҳои Осиёи Миёна анъана шудааст, ки дар бисоти духтар (арӯс) ҳатман А. мегузоранд. Инчунин ба хайёте, ки сару либоси арӯсро медӯзад, А. тӯҳфа мекунанд. А.-ро аввалҳо аз тилло месохтанд. Ҳоло аз филизоти арзонбаҳо месозанд. А. махрутшакл буда, барои налағжидани сӯзан сатҳи берунааш чуқурак дорад. А.-ро, одатан, ба ангушти миёна мепӯшанд ва ҳангоми дӯхтани кӯрпа, тоқӣ, либос ва матои дурушт истифода мебаранд.

АНҒЕ́Л, ниг. *Ушнаи гавазн.*

АНД (Andes), кӯҳҳои Анд (анта, ба забони инкҳо – мис, кӯҳҳои мисдор), Кордилйераҳои Анд (Cordilleradelos Andes), системаи кӯҳӣ, ки Америкаи Ҷанубиро аз Ғ. ва Шим. фаро гирифтааст. Яке аз баландтарин (кӯҳи Аконкагуа, 6962 м) ва дарозтарин (9000 км) системаи кӯҳии олам аст. А. аз силсилаи қ-кӯҳҳои асосан меридионалии мутавозӣ – Кордилйераҳои Шарқӣ, Марказӣ, Ғарбӣ ва Соҳилӣ иборат буда, байни онҳо пуштакӯҳҳо (дар Боливия, Перу) ва пастхамиҳо воқеанд. А. минтақаи серзилзила аст: қариб 70 вулқон, аз ҷумла 30 вулқони амалкунанда (Котопахӣ, Мистӣ, Майпо, баландтаринаш Чимборасо – 6310 м) дорад. Аз рӯи хусусиятҳои сохторию геоморфологӣ А. аз Шим. ба Ҷ. ба чанд қитъа тақсим мешавад: А.-и Кариб, А.-и Шимолу Ғарбӣ, А.-и Эквадор, А.-и Перу, А.-и Марказӣ, А.-и субтропикии Чилию Аргентина ва А.-и Патагония. А. ҳудуди 7 давлати Америкаи Ҷанубӣ – Венесуэла, Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия, Чилӣ ва Аргентинаро фаро гирифтааст. А. аз. сарватҳои зеризаминӣ бой аст. Захираҳои калони нефт, қалъагӣ, нуқра, сурб, руҳ, волфрам, ванадий, сурма, висмут, платина ва тилло мавҷуданд. Иқлими А. гуногун аст: дар доманаи кӯҳҳои қисмҳои шимолӣ ва марказии А. – тропикӣ ва экваторӣ, ҳарор. ҳаво доимо аз 20°С баланд аст; ҷанубтар аз он иқлим мӯътадил, дар кӯҳҳо мӯътадил ва сард. Боришоти солона дар ғарби Колумбия ва ҷануби Чилӣ бештар аз 6000 мм, дар нишебиҳои шарқии минтақаи экваторӣ қариб 3000 мм. Дар соҳилҳои Перу ва шим. Чилӣ – 100 мм ва аз он кам. Дар Шим. ва маркази А. сатҳи барф баланд аст. Дар Ҷ. барфҳои доимӣ аз баландии 1000 – 1200 м сар мешаванд. Пиряхҳо бисёр буда, баъзеи онҳо то уқёнус рафта мерасанд. А. бахшгоҳи байни уқёнусҳои Ором ва Атлантик мебошад, аз ин ҷо дарёи калонтарини Америкаи Ҷанубӣ – Амазонка оғоз меёбад. Дар А. яке аз калонтарин кӯлҳои баландкӯҳи дунё – Титикака воқеъ аст. Нишебиҳои сернами шим. ғарбии А.-ро то ҷан. А.-и Марказӣ бешазорҳои экваторию тропикии кӯҳӣ пӯшидаанд, ки хокашон латеритӣ аст. Дар А.-и Кариб бешаҳои баргрез ва хоки сурхи кӯҳӣ, дар А.-и субтропикии Чилӣ бешазорони ҳамешасабз ва хоки қаҳваранг дида мешавад. Аз 38° а. ҷ. ба самти Ҷ. бешаҳои сернами ҳамешасабз ва омехтаи хокашон сиёҳтоб воқеанд. Паҳнкӯҳҳои баланд набототи ба худ хос доранд: дар Шим. маргзори баландкӯҳи экваторӣ – парамос; дар А.-и Перу ва шим. шарқии Пуна даштҳои тропикӣ – халка; дар ҷан. ғарби Пуна ва саросари соҳилҳои Укёнуси Ором дар Ғ. хоку набототи биёбонианд. А. макони қаҳва, хина, какао, киноа ва дигар меваҳои тропикӣ буда, дар он ҷо ҳамчунин картошка, тамоку, ҷуворимакка, ҷавдор парвариш карда мешаванд. А. олами ба худ хоси ҳайвонот дорад: намудҳои эндемии маймунҳои чангакдум, хирси «айнакдор», оҳуи пуду ва гаэмал, хоянда туко-туко, паранда кондор (то 7 ҳазор м баланд парвоз мекунад); лама, алпак (гӯшт ва пашмашро истифода мебаранд), гуанако, опоссумҳо (аз оилаи халтадорҳо), рӯбоҳи кабудтоб, саги магелланӣ ва ғ. Дар ҷангалзорҳои тропикии А. 1700 намуд (33,6% – эндемӣ) парандагон (махсусан хелҳои аҷоиби колибрӣ) мавҷуданд. А. аз обхокиҳо (900 намуд), ширхӯрҳо (600 намуд, 13% – эндемӣ) моҳӣ (400 намуд, 34,5% – эндемӣ) бой аст. Ба намудҳои нодиру эндемии вашақ, чомгӣ ва парандаи ҳуштаккаше, ки танҳо назди кӯли Титикака вомехӯрад, хатари нобудшавӣ таҳдид дорад. Яке аз масоили экологии А. кам шудани ҷангалзор (махсусан ҷангалҳои тропикӣ)-и Колумбия мебошад, ки ҷояшро плантатсияҳои қаҳва, хина ва растаниҳои каучукдор ишғол мекунанд.

АНДАЛЕ́Б, ниг. *Булбул.*

АНДАЛЕ́Б (тахаллус, маъниаш булбул, мурғи хушхон), Нурмуҳаммад Ғариб (байни 1660/65, деҳаи Қаромозии ш. Кӯҳнаурганҷи Хева – 1740), шоири туркман, асосгузори достонсароӣ дар адабиёти туркман. Дар мадрасаҳои ш-ҳои Хева ва Бухоро таҳсил карда, дар доираҳои адабии ҳамин шаҳрҳо иштирок доштааст. Аз осори боқимондааш бармеояд, ки ӯ адабиёти форс-тоҷик ва адабиёти арабро хуб медонист ва инҳо яке аз сарчашмаҳои эҷодиёти ӯ будаанд. Сарчашмаи дигари илҳоми эҷодии А. эҷодиёти даҳанакии халқи туркман, қиссаву ривоятҳо, асотири халқҳои туркзабон мебошад. Ба қалами А. достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо», «Зайну-л-араб», «Саъди Ваққос» ва ғ. тааллуқ доранд. Дар достони «Оғузнома» таърихи қабилаи оғузҳо ва лашкаркашиҳои сарварони қабила тасвир шудааст. Достони «Насимӣ» аз саргузашти фочиабори шоири а. 14 Насимӣ, ки ба дасти ҳокимони давраш кушта шуда



Кӯҳҳои Анд.

буд, ҳикоят мекунад. А. дар навъҳо ва шаклҳои шеъри маъмул дар адабиёти форс-тоҷик – ғазал, рубоӣ, мухаммас ва ғ. низ асарҳо офаридааст. Дар эҷодиёти А. таъсири шоирону мутафаккирон Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Фузулӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ба назар мерасад. Ба ғазалҳои баъзе аз онҳо А. мухамас бастааст. Мас., як мухаммаси ба форсӣ гуфтаи А. бар ғазали Сайидои Насафӣ чуни наст:

Некӯе омаду чун лола доғам карду рафт,
Оташи ҳичрони ӯ тороҷи боғам кардурафт.
Бӯи навмедӣ фироқаш дар димоғам
карду рафт,
Он ки лабрез аз висолам дошт, доғам
карду рафт,
Шарбати доғи чудоӣ дар аёғам карду рафт.

А. дар ғанӣ гардондани балоғат ва фасоҳати забону адабиёти туркманӣ ва тарбияи мардум дар рӯҳияи ватандӯстӣ хидмати арзанда кардааст. Шеърҳову достонҳои А., махсусан «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо» маъруфу машҳуранд. Дар асоси онҳо асарҳои саҳнавӣ офарида шудаанд. *Ф. Бобоев.*

«АНДАЛЕ́Б», фестивал-озмуни чумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ. Тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз с. 1996 шурӯъ гардидааст. «А.» идомаи «Бӯстон» аст, аммо доманаи барномаҳояш фарох мебошад. Дар «А.» дар баробари суруди якка, бадеҳа, рақси якка, хор, сюита, намоиши театрӣ, ҳаҷву мутоиба, таронаи дигар халқҳо шаҳру ноҳияҳо ҳунарҳои дастӣ: кулолгарӣ, заргарӣ, оҳангарӣ, дӯзандагӣ, кандакорӣ, каннодӣ, гулдӯзӣ, қаламзанӣ ва ғ-ро ба маъразӣ тамошо мегузоранд; маросимҳои мардумӣ аз қабили «гаҳворабандон», «саршӯён», «сартарошон», «ордбезон», «хирманкӯбон» ва ғ. пешкаш мешаванд. «А.» дар ду давр мегузарад. Дар даври аввал ҳунармандон ва ҳаваскорони санъати ҳамаи шаҳру ноҳияҳои чумҳурӣ дар маҳалҳо мусобиқа менамоянд ва ғолибон ба озмуни чумҳуриявӣ роҳхат мегиранд. Дар ин марҳала шаш даста (яктогӣ аз вил-ҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш. Душанбе, водиҳои Ҳисор ва Рашт) сабқат мекунанд. Ғолибон бо қарори ҳакамон бо шоҳчоиза, чои аввал, ду чоизаи дуюм, ду чоизаи сеюм сарфароз мегарданд. «А.» с-ҳои 1996, 1999, 2001, 2004, 2006, 2008, 2010 доир шудааст. «А.» ба ривочу равнақи санъат ва ҳунари мардумӣ дар чумҳурӣ мусоидат менамояд. *Р. Раҳмонӣ.*

АНДАЛЕ́БИ ТАБРЕЗӢ. номаш Хоҷа Муҳаммади Ҳофиз (1372, Ҳирот – 1440, ҳамон ҷо), мусиқидон, ҳофиз, машшоқ ва шоири форсу тоҷик (ох. а. 14 ибт. а. 15). Дар Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Барои овози хуш ва санъати баланди ичрокунандагиаш лақаби «Андалеб»-ро гирифтааст. Бо ҳофиз ва машшоқ Устод Шодии Ҳиравӣ ҳамкории эҷодӣ дошта, аз ӯ дарси маҳорат омӯхтааст. Барои камолоти ҳунарӣ ба Эрону Хуросон сафар карда, то охири умр дар Табрез зистааст. Дар ибтидо дар хизмати султон Аҳмади Атласпӯш (сулолаи Ҷалоириҳо) буда, ба гурӯҳи калони мутрибони дарбор сарварӣ менамуд. Ҳамчунин бо Абдулқодири Гӯянда ҳамкорӣ намуда, дар таснифи «Амал», «Савт», «Мухаммас»-ҳои ӯ тазминҳо офаридааст: «Амали Гулистон», «Амали Бӯстон», «Амали Тарона», «Амали Ситамкаш», «Амали Гуландом», «Амали Хиромон», «Амали Суманбар» (бар ғазалиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Камол). А. Т. ҳамчунин ба дигар шаклҳои мусиқӣ – «Кор», «Савт», «Сачъ», «Рехта», «Пешрав» ва ғ. таснифоти зиёде офаридааст. Дар эҷоди ғазалу рубоӣ ва қитаоти рангин низ лаёқати хуб доштааст.

Ад.: Р а ҷ а б о в А., Афкори мусиқии тоҷик дар асрҳои XII – XV, Д., 1989; М а ҳ ш у н Ҳ., Таърихи мусиқии Эрон, ҷ. 1, Т., 1375 ҳ. ш.

А. Раҷабов.

АНДАЛУЗИ́Т (аз номи музофоти Андалузияи Испания), минерал, силикати алюминий $AlOAl[SiO_4]$. Баъзан омехтаҳои оҳан ва манган ҳам дорад. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ буда, дар шакли кристаллҳои қаламчаю призмамонанд ё донаҳои шаклашон вайрон вомехӯрад. Рангаш хокистарӣ, хокистарии сурхтоб ва гулобӣ. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш 7,0 – 7,5, зичиаш 3100 – 3200 кг/м^3, оташтобовар. А. минерали хоси ҷинсҳои метаморфӣ – варақсангу гнейсҳо аст. Гоҳо дар таркиби кварситҳои дуюмбора, баъзан дар пегматит ва пошхӯрдаҳо низ дучор меояд. А. дар саноати истеҳсоли чинӣ ва электрометаллургия чун ашёи оташтобовар ба кор меравад. Конҳои калони он дар Россия ва Қазоқистон ёфт шудаанд.

АНДАЛУ́С, к ӯ ҳ ҳ о и А н д а л у с, к ӯ ҳ ҳ о и Б е т, К о р д и л ӣ е р а Б е т и к, системаи кӯҳӣ дар ҷан. шарқӣ ва ҷан. нимҷаз. Пиреней дар Испания. Аз ҷиҳати баландӣ баъди кӯҳҳои Алп дар Европа дар ҷойи дуюм аст. А. қариб 630 км тӯл кашидааст. Баландиаш то 3478 м (қ-и Муласен дар қ-кӯҳи Сйерра-Невада). Дар доманаи шим. А. хамии Андалус ҷойгир аст. Калонтарин д-и Испания – д. Гвадалквивир аз А. маншаъ мегирад. Хамиҳои тектоникӣ ва водиҳо А.-ро ба чандин қ-кӯҳҳо чудо кардаанд. Хамиҳои назди соҳил аҳолинишинанд. А. асосан аз ҷинсҳои қадимии кристаллӣ ва оҳаксангҳо таркиб ёфтааст. Релйефҳои карстӣ бисёранд. Иқлимаш баҳримиёназаминист. Дар нишебии кӯҳҳо бутта, ҷангали дарахтони ҳамешасабз ва баргрез, зайтуни ёбоӣ, дар минтақаи субалпӣ (дар бал. зиёда аз 2000 м) арча, дар минтақаҳои назди соҳил растаниҳои ситрусӣ, санавбар, булут ва нахли хурмо мерӯянд. Конҳои маъдани оҳан дорад.



Манзараи шаҳри Севиля.

АНДАЛУ́СИЯ (Andalucia), вилояти таърихӣ (ҳоло вил. мухтор) дар Ҷ. Испания. Масоҳ. 87,3 ҳазор км^2. Аҳолиаш 7,9 млн нафар (2009). Маркази маъмуриаш – Севиля. Музофотҳои Алмерия, Гранада, Кадис, Кордова (Қурдоб), Малага, Севиля, Уэлва, Хаэнро дар бар мегирад. Арабҳо ибт. а. 8 қисми зиёди нимҷаз. Пиренейро истило карда, тамоми сарзамини Испанияи мусулмониро А. (Ал-Андалус) номиданд. Дар асрҳои миёна дар А. касбу ҳунар, савдо ривоҷ ёфт.

АНДА́М (Dracaena draco), навъе аз дарахт. Танаи ғафси сершох дошта, 5 – 6 ҳазор сол умр мебинад. Баландиаш то 20 м. Баргаш борики шамшершакл, гулаш калони дучинса. Ҳангоми буридани пӯстлохаш зифт мерезад, ки онро барои мумиё кардани ҷасад ва истеҳсоли лок истифода мебаранд. Аз нахи барги А. ҳар гуна асбобҳо мебофанд. А. дар ҷаз-ҳои Канар, Африка ва Осиёи Ҷанубӣ фаровон аст.

АНДАМА́Н, Ҷ а з и р а ҳ о и А н д а м а н, галаҷазира дар Уқёнуси Ҳинд, байни халиҷи Бангола ва Баҳри Андаман. Аз ҷиҳати маъмурӣ қисми ҳудуди иттифоқии (штати) ҷаз-ҳои Андаман ва Никобари Ҳиндустон мебошад. Аз 204 ҷаз. иборат аст. Ҷаз-ҳои



Андам – дарахти ороишӣ.

калонтаринаш – Андамани Шимолӣ, Андамани Миёна, Андамани Ҷанубӣ, Андамани Хурд. Аз материк 900 км дуртар ҷойгир буда, аз Шим. ба Ҷ. 350 км тӯл кашидааст. Масоҳ. умумии ҷаз-ҳо 6,6 ҳазор км^2. Шаҳри калонтарин ва маркази маъмурии А. Порт-Блэр (100 ҳазор нафар) мебошад. Аҳолиаш 250 ҳазор нафар (2010), аз ҷумла 500 нафар мардуми таҳҷоӣ, намояндагони 9 халқияте, ки дар аҳди қадим аз Африка ҳичрат кардаанд; дар ибт. а. 20 онҳо наздики 5 ҳазор нафар буда, торафт аз байн мераванд (мас., февр. 2010 охирин намояндаи халқияти «бо» аз олам даргузашт). Ҳоло аҳолии асосии А. муҳоҷирони (бештар бадарғашудагон) Ҳиндустон мебошанд. Ҷаз-ҳои А. қуллаҳои кӯҳҳои зериобӣ буда, бо рифҳои марҷонӣ иҳота шудаанд. Сатҳи ҷаз-ҳо ноҳамвор, то 732 м баландӣ доранд. Бо бешаҳои тропикӣ пӯшида шудаанд. Нахл, норҷил, шолӣ парвариш карда мешавад. Андаманҳо бо шикор (ҳоло ҳам тиру камонро истифода мебаранд) ва моҳидорӣ машғуланд.

АНДА́НТЕ (итал. andante-равон, ҷорӣ), 1) ифодаи суръати ором. Равон навохтани асари мусиқӣ. А. дар а. 17 пайдо шуда, баъдтар (а. 19) тадриҷан оҳангҳои шӯхтареро ифода мекардагӣ шуд. А. дар асл аз адажио (adagio) тезтар, аз андантино (andantino) ва модерато (moderato) оромтар аст; 2) ифодаи пйесаҳое, ки номи махсус надошта, дар ин суръат эҷод шудаанд. Аксар қисматҳои орому мавзуни симфония, квартетҳо, сонатаҳо, маршҳои тантанавию мотамӣ ва ғ. А. номида мешаванд; 3) суръати маъмули қисмати ороми сонатаҳои силсилавӣ. Andantino-ифодаи суръати аз andante шӯхтар.

Ш. Ҳабибов.

АНДАРБА́К, деҳа, маркази ҷамоати деҳоти Язгуломи ноҳ. Ванч. Дар соҳили чапи д. Язгулом ҷойгир аст. Аз А. то маркази ноҳия 70 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 1223 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази саломатӣ, шӯъбаи алоқа, нуқтаи савдо ва хизмати маишии хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Андарбак обёрӣ мешаванд.

АНДА́РВ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Тавдеми ноҳ. Рошткалъа. Дар ҳудуди хоҷагии деҳқонии «Шоҳабдураҳмон» ҷойгир аст. Аз А. то маркази ноҳия 28 км, то ш. Хоруғ 9 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 218 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Шохдара обёрӣ мешаванд.

АНДА́РЗ, панд, насиҳат, яке аз навъҳои адабии адабиёти дидактикӣ. Аз замонҳои қадим дар кишварҳои Осиё, аз Мисри Қадим то Байнаннаҳрайн густариш ёфта буд, вале рушду такомули бештари ин навъи адабӣ дар Эрони Бостон, махсусан адабиёти паҳлавӣ (замони Сосониён) ба назар мерасад; баъдан дар адабиёти форс-тоҷик (асрҳои миёна) идома ёфтааст. А. чун навъи адабӣ бо *панд* ҳаммаъно ва наздик аст ва баъзан ҷудо кардани онҳо аз ҳамдигар басе душвор мебошад. Дар баъзе асарҳои бадеӣ (шифоҳӣ, хаттӣ), осори адабиётшиносӣ ин ду истилоҳ якҷоя ба кор бурда мешаванд. Мас., Фирдавсӣ гуфтааст:

Ба сӯи Хуросон фиристодашон,
Басе панду андарзҳо додашон.

Бо мурури замон, ба андозаи дур шудан аз замони Сосониён – давраи густариши адабиёти паҳлавӣ – истилоҳи панд нисбат ба А. серистеътмолтар гардид, вале истилоҳи А. то имрӯз (ибт. а. 21) аз байн нарафтааст. Манбаи асосии А. адабиёти шифоҳӣ (фолклор) мебошад. Аз ин ҷост, ки А.-ҳои дар замони бостон пайдошуда бемуаллифанд. Баъдан, дар адабиёти паҳлавӣ А.-ҳои таълифӣ, навишташуда аз ҷониби ин ё он муаллифе ба миён омаданд. Нахустин А.-ҳо дар адабиёти мардуми эронинажод дар *Авес то* ба назар мерасанд. Баъдан, дар адабиёти паҳлавӣ бо номи *андарзнома* асарҳои таълимӣ, динӣ, ҳикмати амалии зиндагӣ ба миён омаданд. А. дар ин давра воситаи асосии таълим буд. Андарздиҳандагонро андарзбад мегуфтанд. Дар адабиёти форс-тоҷик А.-ҳои мансур ва манзум ба назар мерасанд. Манбаи А.-ҳо дар адабиёти асрҳои миёна пас аз густариши дини ислом китоби муқаддас Қуръони Мачид мебошад. Дар эҷодиёти баъзе шоирону нависандагон, идомаи анъанаҳои А.-гӯии пешазисломӣ ба назар мерасад, вале бештари А.-ҳо дар ин давра аз Қуръону ҳадисҳо маншаъ гирифтаанд, чунки таъсири Қуръон ба зеҳни мардум, ба адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ бештар мегардид. Дар адабиёти пешазисломӣ ва дар адабиёти асрҳои миёнаву муосир А.-ҳо дар масъалаҳову мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла андешаи хуб (нек), гуфтори хуб (нек), кирдори хуб (нек), ахлоқи ҳамидаву адаб, урфу одат, муносибат дар оила, муомилаву муошират бо наздикону дӯстон, муносибат бо душманон, муборизаи некӣ ва бадӣ (хайр ва шар), давлатдорию сиёсат, ростӣ, меҳру садоқат, ишқу вафо, накӯҳиши зулм, тарғиби адолат, парҳез аз молу ҷоҳпарастӣ, таназзур нисбат ба сарват, танқиди хислатҳои бади инсон ва ғ. гуфта шудаанд. А.-ҳо дар шакли нутқу сухани нигоранда (монолог), гуфтугӯ (диалог), пурсишу посух ва ғ. сохта шудаанд. Мас., дар яке аз андарзномаҳо чунин суханон омадаанд: «Гуфтам: «Кадом айб аст, ки наздики мардум мӯътабар нанамояд»? Гуфт: «Ҳунари худ гуфтан». Гуфтам: «Аз мардумон кӣ оқилтар аст?» Гуфт: «Он ки кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад». Гуфтам: «Хорӣ аз чист?» Гуфт: «Аз коҳилӣ ва фасод» (Аз «Зафарнома»-и Абуалӣ ибни Сино). А.-ҳои бисёре дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар фаслҳову бобҳои «Андарз кардани Сиёвуш Фарангисро», «Андарз кардани Зол Кайхусравро», «Андарз кардани Кайхусрав эрониёнро», «Андарз кардани Доро бо Искандар ва мардан» ва ғ. оварда шудаанд. Чанде аз А.-ҳои Фирдавсӣ:

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан.
***
Ҳама бурдборӣ куну ростӣ,
Ҷудо кун зи дил кажживу костӣ.
***
Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад,
***
Бикӯшеду некӣ ба кор оваред,
Чу дидед сармо, баҳор оваред.

Дар осори Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Дақиқӣ, Асадии Тусӣ, Саноӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон зимни баёни ҳодисаҳову воқеаҳои достонҳо, ғазалҳо, қасидаҳо ва ғ. А. оварда шудаанд. Аз «Гаршоспнома»-и Асадии Тусӣ:

Ба оғолиш ҳар касе бад макун,
Нишона машав пеши тири сухун,
***
Киро нест дар дӯстӣ ростӣ,
Бияфган ту аз гарди ӯ остӣ.

Аз Хусрави Деҳлавӣ:

Дили мардум он гоҳ равшан бувад,
Ки озод чун сарву савсан бувад.
***
Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.

Ад.: Абдурраҳмони Ҷомӣ, Панду ҳикматҳо, Д., 1964; Амир Хусрави Деҳлавӣ, Андарзу ҳикматҳо, Д., 1975; Андарзномаи Фирдавсӣ, Д., 1992; Мутуни паҳлавӣ, Т., 1371 ҳ. ш.; Авесто, Д., 2001; Саймиддинов Д., Адабиёти паҳлавӣ, Д., 2003; Асадии Тусӣ. Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз «Гаршоспнома», Д., 2007; Унсурулмаолии Кайкову, Қобуснома, Д., 2007; Китоби Синдбоди Ҳаким, Д., 2009; Изведать дороги и пути праведных, М., 1991.

М. Диловаров.

«АНДА́РЗИ КЎДАКОН», яке аз осори адабиёти паҳлавӣ, андарзномаест аз муаллифи номаълум. Тақр. дар а. 8 тартиб дода шудааст. Асли паҳлавиаш дастрас нагардидааст. Ҳоло шакли позандии он (ниг. *Позанд*) боқист ва номаш дар ин ҷо «Хешкориҳои ридакон» (ридак ба маънои кӯдак) мебошад. «А. к.» аз пандҳое иборат аст, ки «дабиристонхватай» (соҳиби мактаб, мактабдор, устоди дабиристон) ба кӯдакон – шогирдон додааст. Ин пандҳо – вазифаҳое мебошанд, ки ҳар як тифл ҳангоми аз хоб бархостан, ба дабиристон рафтан, баргашта омадан ба хона ва ғ. бояд онҳоро иҷро намояд. Вазифаҳо иборатанд аз саҳаргоҳон аз хоб бархостан, дасту рӯй шустан (таҳорат), риояи қоидаҳои ғизо хӯрдан, дар роҳи дабистон ҳурмати калонсолонро ба ҷо овардан, дар мактаб дар таҳсил кӯшо будан, ҳурмати устодро ба ҷо овардан, гӯш додан ба суханони ӯ, дар хона падару модарро наозурдан ва ғ. Дар ҷамоаи зардуштиёни Эрону Ҳиндустон (штати Гуҷарот), ки зардуштиён зиндагӣ мекунанд, ин қоидаҳоро таълим медиҳанд ва андарзномаҳои мансуру манзуми шабеҳ ба «А. к.» мутобиқ ба замон тартиб дода мешаванд. Тарҷумаи форсии «А. к.» дар мач. «Чисто» (1368, № 7 – 8) ба табъ расидааст.

Ад.: Тавадиа Ҷаҳонгир, Забон ва адабиёти паҳлавӣ – форсии миёна, Т., 1348 ҳ. ш.; Тафаззулӣ Аҳмад, Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом, Т., 1376 ҳ. ш. *М. Диловаров.*

«АНДА́РЗИ ОЗАРБА́ДИ МАҲРАСПАНДО́Н», яке аз осори адабиёти паҳлавӣ, андарзномаест мансуб ба Озарбади Маҳраспандон, ки дар замони шоҳи сосонӣ Шопури II (309 – 379) мубадон мубад (сарвари мубадон) буд. Ин асар аз бандҳои (фиқраҳои) панду насиҳатӣ ва суханони ҳикматомез иборат аст. Озарбади Маҳраспандон ин андарзномаро барои писари хеш – Зардушт навиштааст. Банди дуюми он бо хитоб ба писар оғоз меёбад. «Писарам, некандеш бош…» Аксар панду насиҳатҳои дар «А.» омада ҳикмати амалиянд, барои тарбияи инсони комил дастурҳои муфиду арзанда мебошанд. Дар андарзнома аз накӯкор будан, бо мардуми нодон дӯстӣ накардан, аз бадкирдорон дурӣ ҷустан, парҳез кардан аз дурӯғгӯй, нишастан дар сӯҳбати доноён, дар кори ба ӯҳда гирифта масъул ва кӯшо будан, бенавоёнро масхара накардан, чунки шахси доро ҳам метавонад бенаво бишавад, ба фарзанд илму дониш омӯзондан, ҳурмати падару модарро ба ҷой овардан ва ғ. сухан меравад. Дар «А.» фиқраҳое ба назар мерасанд, ки дар насиҳат ба ҳукмронон (одилу раиятпарвар будан, саховат кардан, суханони ҳасудону дурӯғгӯёнро нашунидан ва ғ.) гуфта шудаанд. Намунае чанд аз «А.» (тарҷ. Д. Саймиддинов): «Бо марди бадогоҳ (ҷоҳил) ҳамроҳ мабош! Бо марди хашмин ҳамроҳ мабош! Бо марди ҳарзагӯй ҳамроз мабош! Бо марди маст ҳамнӯш мабош! То чанд тавонӣ мардумон ба сухан маозор! Агар туро писаре бувад, ӯро дар кӯдакӣ ба дабиристон бидеҳ, чунки омӯзиш рӯшании чашм аст. Бегуноҳ бош, то бебим бошӣ! Ва туро гӯям, писарам, ки барои мардумон аз ҳама беҳтар чиз ҳирад аст».

Ад.: Диншоҳи Эронӣ, Ахлоқи Эрони Бостон, Т., 1334 ҳ. ш.; Тавадиа Ҷаҳонгир, Забон ва адабиёти паҳлавӣ – форсии миёна, Т., 1348 ҳ. ш.; Саймиддинов Д., Адабиёти паҳлавӣ, Д., 2003; Изведать дороги и пути праведных, М., 1991. *М. Диловаров.*

«АНДА́РЗИ ХУСРА́ВИ ҚУБОДО́Н», яке аз асарҳои адабиёти паҳлавист. Матни боқимондаи он (13 банд) андарзи ба забони паҳлавӣ-форсии миёна навишташуда мебошад, ки гӯё шохи сулолаи Сосониён Хусрави Анӯшервон (ҳукмр. 531 – 531) ҳангоми дар бистари марг буданаш ба ҷаҳониён, умуми мардум мурочиат карда гуфтааст. «А.» ба шакл ва услуби аксар андарзномаҳои паҳлавӣ (ниг. *Андарзнома*), яъне дар рӯҳияи дини зардуштӣ нигошта шудааст. Нигорандаи «А.» аз номи Хусрави Қубодон, ки дар осори адабии асрҳои миёнаи форс-тоҷик «Анӯшервони Одил» ном гирифтааст, мардумро ба худотарсӣ, андеша кардан аз оқибату охират даъват мекунад. Дар «А.» бандҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо мардум ба некиву накӯкорӣ, ростгӯй, каримӣ, ғамхори дарвешону нодорон будан, ба панди устод гӯш додан ва ғ. даъват карда мешаванд. Мас: «Оину паймон ба кор доред ва ба кору қонун розу рост ва (бо) ростон ҳамсухан бошед», «Ба баҳраи хеш хурсанд бошед ва баҳраи дигар кас (ба ғорат) мабаред»; («А») некон бош, то биҳиштӣ бошӣ». «А.» ба забонҳои англисӣ, гуҷаротӣ, форсӣ, тоҷикӣ, русӣ тарҷума ва тафсир шудааст.

Ад.: Андарзи Хусрави Қубодон. Матни паҳлавӣ бо тарҷума, ҳавошӣ ва фарҳанги паҳлавӣ, Т., 1329 ҳ. ш.; Саймиддинов Д., Адабиёти паҳлавӣ, Д., 2003; Мутуни паҳлавӣ, Т., 1371 ҳ. ш.; Изведать дороги и пути праведных, М., 1991; Тафаззулӣ Аҳмад, Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом, Т., 1376 ҳ. ш. *М. Диловаров.*

АНДАРЗНОМА́, китоби андарзҳо, осори адабӣ-бадеӣ, динӣ, фалсафии панду ахлоқӣ, ки дар он андарзҳо, суханони панду ҳикматомез, гуфтори ибратомӯз фароҳам омадаанд. Осори панду ахлоқӣ дар эҷодиёти даҳонакӣ ва адабиёти хаттии мардуми Шарқ, Мисри Қадим, Бобулу Шумер, Чин, Ҳиндустон, кишварҳои бостонии Европа, Юнону Рими Қадим дар замони бостон пайдо шудаанд ва дар тарбияи ахлоқӣ, рушди маънавиёти ҷомеа, тарбияи наврасону ҷавонон, ҳидояти калонсолон ба некиву накӯкорӣ, ахлоқи ҳамида, амал кардан мутобиқи панди рӯзгор, ҳикмати амал, таҷрибаи зиндагӣ, дурӣ ҷустан аз аъмоли бад ва ғ. аҳамияти бузург доштанд. Андарзҳо ва дар шакли А. фароҳам овардани онҳо дар адабиёти бадеӣ ва динии мардуми ориёӣ таърихи тӯлоние, аз замони ба арсаи таърих қадам ниҳодани ориёиён, ба миён омадани китоби муқаддаси Авесто, дорад. А. дар адабиёти паҳлавӣ ба забони форсии миёна дар а-ҳои 3 – 9 ривоҷу равақ ёфт. Дар ин давра А. чун як навъи (жанри) адабиёти бадеӣ, дидактикӣ арзи вуҷуд намуд. Чанде аз А.-ҳои паҳлавӣ дастраси муҳаққиқон гардидаанд, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд. Якум, А-ҳое, ки дар онҳо масъалаҳои дини зардуштӣ, ки дар замони Сосониён мақоми давлатӣ дошт, матраҳ гардидаанд: «Чидак андарзи порйоткаешон», «Андарзи доноён ба маздаяснон», «Якчанд сухан (ки) Озарфарнбағи Фаррухзодон гуфт», «Суханҳои Бахтофарид ва Озарбади Зардуштон», «Андарзи дастурон ба беҳдинон», «Андарзи пешиниён», «Ёдгори Бузургмеҳр» ва ғ. Дуюм, А.-ҳое, ки ҳикмати амалӣ, масъалаҳои дунявиро дар бар мегиранд: «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Вожае

чанд аз Озарбади Маҳраспандон», «Андарзи Ушнари доно», «Андарзи Ҷамшед», «Андарзи Саена», «Андарзи Хусрави Қубодон». Дар осори динӣ, адабӣ ва таърихии паҳлавӣ, аз қабили «Динкард», «Бундаҳиш», «Минуи хирад», «Дарахти асурӣ» ва ғ. бобҳову фаслҳо ва порчаҳои андарзӣ, пандуахлоқӣ вуҷуд доранд. Мас., дар «Динкард» андарзҳо аз Авесто оварда шудаанд; дар боби дуюми «Минуи хирад» 100 гуфтори андарзӣ фароҳам омадаанд. Аксар А.-ҳое, ки матнашон боқӣ мондааст ва дастраси муҳаққиқон гардидаанд, дар замони Сосониён тадвин шудаанд. Муаллифи баъзеи онҳо шоҳон, вазирон, мубадони замони Сосониён нанд, дигарашон ба шоҳону вазирон, ҳакимони даврони бостон – Ҷамшед, Ушнари доно (вазири Кайковус), Саена (ҳакиме, ки гӯё дар аҳди шоҳони қадими Эрон зистааст) нисбат дода шудаанд. Ин падида гувоҳи он аст, ки пеш аз Сосониён ҳам маҷмӯаҳои андарзӣ ва пандунасиҳатӣ вуҷуд дошт аанд. Дар А-ҳои динии паҳлавӣ оид ба риояи расму оини зардуштия, итоат, порсоӣ, қаноат, тан додан ба тақдир ва ғ. сухан меравад. Дар А.-ҳои дигари паҳлавӣ аз давлатдории одилона, раиятпарварӣ, тарғиби ростӣ, некӣ ва накӯкирдорӣ, тарғиби илму дониш, дӯстӣ ва рафоқат, бузургдошти падару модар ва устодони дабиристон, ғамхорӣ кардан ба аҳли хонадон, ба мактаб додан ва ба таҳсили илми фарзандон мусоидат намудан ва ғ. сухан меравад. Анъанаи А.-нависӣ пас аз Сосониён дар адабиёти арабӣ, адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик ва халқҳои дигари Шарқ идома ёфт. Дар таъсири А.-ҳои паҳлавӣ, ки аксарашон ба забони арабӣ тарҷума карда шуданд, дар адабиёти арабӣ навъи (жанри) «адаб» пайдо шуд. Дар адабиёти форс-тоҷик асарҳои ба А. монанд ва ё порчаҳои андарзӣ дар нигоштаҳои Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ («Офариннома»), Фирдавсӣ (андарзҳои шоҳон ҳангоми ба тахт нишастан ва ё васиятҳо пеш аз марг дар «Шоҳнома»), Асадии Тӯсӣ («Гаршоспнома»), Абуалӣ ибни Сино («Пирӯзинома» – «Зафарнома», асари андарзие, ки ба ӯ нисбат дода мешавад), Абдуллоҳи Ансорӣ («Насоеҳ», «Тӯҳфат-ул-мулук», «Анис-ул-муридин ва шамс-ул-маҷлис», «Манозил-ул-соирон»), Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ («Гулистон», «Бӯстон»), Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба назар мерасанд. Ба «Роҳат-ус-судур»-и Ровандӣ, «Марзбоннома», «Сиёсатнома», «Калила ва Димна», «Таърихи Табаристон», девонҳо, китобҳои таърихӣ ва адабии диг. низ андарзҳои паҳлавӣ дохил гардидаанд. Чунин ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ аз «Андарзи Хусрави Қубодон» огоҳ будааст ва аз он чунин ёд мекунад:

Ман эдун шунидам, ки ҷои меҳӣ,
Ҳаме мардуми носазоро диҳӣ.
Чунон дон, ки Нушервони Қубод,
Ба «Андарзнома» чунин кард ёд,
Ки: «Ҳар кӣ сипоҳаш ба душман диҳад,
Ҳаме хештанро ба куштан диҳад».

Дар «Шоҳнома» инчунин «Андарзи Бузургмеҳр», «Андарзнома наВиштани Баҳроми Гӯр ба кордорони худ» ва ғ. оварда шудаанд. Дар «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ низ суханони Гаршосп ва Наримон зери унвони «Андарзнома» омадаанд.

Анъанаи «А.»-нависӣ дар адабиёти форс-тоҷик (дар дохили асарҳо, насиҳатномаҳои шуаро ва насрнависон, насиҳат ба фарзандонашон, ҳикоятҳои тамсилии китобҳои ахлоқ, рисолаҳои ҷавонмардӣ ва маҷмӯаҳои панду насиҳат) асрҳо давом кардааст. Дар осори адибони тоҷик аз С. Айнӣ сар карда то ба имрӯз (2011) ҳам дар эҷодиёти адибони наслҳои гуногун (калонсолон ва ҷавонон) андешаҳои андарзӣ (порчаҳо, байтҳо, мисраъҳо ва ғ.) дар дохили асарҳо ҷой гирифтаанд. Дар адабиёти муосири тоҷик ба гурӯҳи асарҳои ба А. монанд таълифшуда китобҳои Ҳоҷӣ Умархӯҷаи Истаравшаниро бо номи «Достони панди пири хирад» (қисми чорумаш с. 2008 ба табъ расидааст) дохил метавон кард.

Ад.:Ниг. ба мақолаи *Андарз*.

М. Диловаров.

АНДАРО́Б, деҳа дар маркази ҷамоати деҳоти Аскар Замирови ноҳ. Ишкошим. Дар сари роҳи автомобилгарди Хоруғ – Ишкошим ҷой гирифтааст. Маркази хоҷагии деҳқонии «Бадахшон». Аз А. то маркази ноҳия 70 км, то маркази вилоят 40 км. Аҳолиаш 434 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, нуқтаҳои савдои хусусӣ, хонаи фарҳанг дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз обҳои дар дараи Гармчашма ҷамъ ва ҷоришаванда обёрӣ мешаванд.

АНДАРСОЙ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Нови ноҳ. Спитамен. Аз деҳа то маркази ноҳия – шаҳраки Нов 12 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1821 нафар (2009), асосан ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, клуб ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, сабзаваткорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз сойи Исфана обёрӣ мешаванд.

АНДАРУ́Н, ҳавлии дарун, ки хоси меъмории Шарқ аст. А. қисми занонаи манзилгоҳ аст. Ба он даромадани марди бегонаи ба истилоҳ «номаҳрам» мамнӯъ буд. Вобаста ба муҳит, табиат, шароит ва ҷой шакл ва навъҳои зиёди А. ба вуҷуд омадаанд.

АНДАРХАМӢ, навъе аз харбузаҳои дерпазак. Давраи нашваш (аз неш задани тухмӣ то пурра пухтан) 100 – 110 рӯз. Ҳаҷмаш калон (вазнаш 5 – 7 кг), дарозрӯяи тухмшакл. Пӯсташ норанҷии сабзтоб, чин-чин, сахт, тӯрдор. Мағзаш сершира ва хушtаъм; 8,5 – 9% қанд дорад. Тухмаш борик, калон ва зард. Дар заминҳои шӯр сабзида, ба камобӣ тоб меорад. Аз як га то 250 сентнер (дар деҳаи Патари ноҳ. Конибодом 280 – 300 сентнер) ҳосил мегиранд. А.-ро тар мехӯранд ва барои зимистон ҳам нигоҳ медоранд. Ба ҷойҳои дур низ кашондан мумкин. Бештар аз касалии *гарда* зарар мебинад.

Ад.: Справочник бахчевода, Д., 1987.

АНДЕЗИ́Н, минералест аз гурӯҳи плагиоклазҳо, ки 30 – 50% заррaҳои албитӣ дорад. А. минерали ҷинсҳои магмавии таркибашон миёна аст (андезитҳо, диоритҳо ва ғ.). Системаи кристаллбандиаш триклинӣ. Кристаллҳои А. кам вомехӯранд, одатан, донаҳояш шакли нодуруст доранд. Рангаш хокистарӣ, ҷилояш шишагун. Сахтиаш аз рӯи шкалаи минералии Моос 6 – 6,5, зичиаш 2670 кг/м^3 мебошад. А.-ро барои сохтани маснуоти сафолии ба кислота тобовар дар саноати химия ба кор мебаранд.

АНДЕЗИ́Т (аз номи кӯҳҳои Анд), ҷинси кӯҳии эффузивии сохташ порфирӣ. Асосан аз шпатҳои даштӣ таркиб ёфта, ба миқдори кам биотит, авгит, амфибол, сироксен, баъзан оливин ё кварс дорад. Рангаш сиёҳ, сиёҳтоби хокистарӣ, бӯр ва ғ. Дар натиҷаи хунук ва шах шудани гудозаи вулқонҳо ба вуҷуд меояд. Қисми зиёди гудозаҳои вулқонҳои қадима ва ҳозира аз базалту андезит иборатанд. Онҳо дар ноҳияҳои вулқонҳои қадима – Урал, Қазоқистони Марказӣ ва Ӯзбекистону Тоҷикистон (к-кӯҳҳои Чатқал, Қурама, Ҳисор, Паси Олой, Дарвоз ва ғ.) ва Камчатка майдонҳои васеъро ишғол мекунанд. А. чун масо-

леҳи бинокорӣ ва ашёи кислотатобовар ба кор меравад.

А́НДЕРСЕН (Andersen) Ҳанс Кристиан (2. 4. 1805, Оденсе – 4. 8. 1875, Копенгаген), нависанда ва шоири даниягӣ. А. ҳамчун афсонанависи машҳур дар ҷаҳон шинохта шудааст. А. очерку новелла, пйесаву романҳо низ навиштааст: «Мурда» (1830), «Ибодатгоҳи ғарқшуда» (1831), «Импровизатор» (1835), маҷм. новеллаҳои «Китоби суратҳои бесурат» (1840), пйесаи «Мулат» (1840), китоби очеркҳои сафарии «Бозори шоир» (1842), китоби тарҷумаҳолии «Афсонаи ҳаёти ман» (1846), романҳои «Отто Тострупаа» (1836), «Фақат ғижакнавоз» (1837). Афсонаҳои «Аскарчаи устувори қалъагӣ» (1838), «Булбул» (1843), «Мурғобичаи баднамо» (1843), «Маликаи барфин» (1844), «Духтарчаи гӯгирдбадаст» (1845), «Соя» (1847), «Модар» (1848), «Куртаи нави подшоҳ» ва ғ. ба қалами А. тааллуқ доранд. А. дар эҷодиёти худ бераҳмии хокимон, нобаробарии иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, хушомадгӯӣ, кибрро маззамат кардааст. Асарҳои А. ба бисёр забонҳои халқҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Хонандагони тоҷик аз с. 1938 ба василаи тарҷумаи афсонаи «Дюймовочка» бо эҷодиёти ин адиб шинос гардидаанд. Минбаъд афсонаҳои дигари А. аз қабили «Мурғобичаи баднамо», «Чақмоқ», «Куртаи нави подшоҳ», «Аскарчаи устувори қалъагӣ», «Қувони ёбой», «Булбул», «Ганси ландаҳур», «Духтарчаи гӯгирдбадаст» ва ғ. ба забони тоҷикӣ гардонда шуда, дар алоҳидагиву якҷоя ба табъ расидаанд. А. дар с-ҳои 30 а. 19 ба кишварҳои гуногуни Европа сафар карда, бо шахсиятҳои маъруфи он ҷо – адиби олмонӣ Ҳейнрих Ҳейне, англисӣ Чарлз Диккенс ва франсавӣ Виктор Ҳюго мулоқот ва мукотиба кардааст. Бо номи А. мукофоти байналхалқӣ таъсис ёфтааст. Аз адибони тоҷик Убайд Раҷаб ин мукофотро гирифта буд (1983).

Ос.: Афсонаҳо, Д., 1983.

Ад.: Брауде Л., По волшебным тропам Андерсена., С-Пб, 2008. *Р. Раҳмонӣ.*

А́НДЕРСЕН-НЕКСЁ (насаби аслиаш Андерсен; тахалл. Нексё) Мартин (26. 6. 1869, Копенгаген – 1. 6. 1954, Дрезден), нависандаи даниягӣ. Фаъолияти меҳнатиаш аз омӯзгорӣ дар мактаби халқӣ оғоз гардидааст. Соли 1919 ба Ҳизби коммунистии Дания, ки худ яке аз асосгузоронаш буд, дохил шудааст. Баъди ба тасарруфи Германияи фашистӣ даромадани Дания А.-Н. дар Шветсия паноҳ бурд. Солҳои 1944 – 45 дар СССР зиндагӣ кардааст. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба Дания баргашт. Охири умраш дар собиқ Ҷумҳурии Демократии Германия сипарӣ шуд. Соли 1950 ба ҳайати Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ интихоб шуд. Асарҳояш аз с. 1893 чоп шудаанд. Китобҳои машҳуру маъруфи ӯ романҳои «Пелеи фотеҳ» (ҷ. 1 – 4, 1906 – 10) – дар бораи фарзанди хидматгор ва сарнавишти ӯ, «Дите – фарзанди инсон» (ҷ. 1 – 5, 1917 – 21) – тақдири зане аз мардуми оддӣ ва ғ. мебошанд. Романи сегонаи таърихии «Мортени Сурх»-ро А.-Н. асари ёддоштӣ, тарҷумаиҳолӣ номидааст. Порае аз асари А.-Н. «Ба истиқболи рӯзи нав» (1923) с. 1967 ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Дар Дания бунёде ба номи А.-Н. таъсис ёфтааст ва аз ҳисоби он мукофоти адабӣ ба эҷодкорон дода мешавад.

Ад.: Крымова Н., Погодин А., Мартин Андерсен Нексе, М., 1960.

А́НДЕРСОН (Anderson) Карл Дейвид (3. 9. 1905, Нию-Ёрк – 11. 1. 1941, Калифорния), физики америкоӣ. Соли 1927 Донишкадаи технологии Калифорнияро хатм карда, сипас дар худи ҳамон ҷо дарс гуфтааст, аз с. 1939 проф. донишкадаи мазкур. Таҳқиқотҳояш асосан ба омӯзиши гамма-афканишот, шуоъҳои рентгенӣ ва кайҳонӣ бахшида шудаанд. Таҳти роҳбарии Р. Милликен ба омӯзиши шуоъҳои кайҳонӣ оғоз кард. Дар натиҷаи таҳқиқот изҳои ғайриоддии зарраи массааш ба массаи электрон баробар ва зарядаш мусбатро ошкор сохт. Ин кашфиёт, ки с. 1932 эълон шуда буд, ақидаҳои назариявии Пол *Дирак*ро оид ба мавҷудияти *позитрон* собит намуд. А. бори аввал мавҷудияти позитронро бо роҳи бо гамма-афканишот нурборон кардани карбиди торий (ThC) ва маводи дигар бевосита исбот кард, ки боиси ба вуҷуд омадани ҷуфтҳои электронию позитронӣ гардиданд. Барои ин кор А. с. 1936 бо Мукофоти Нобел (якҷоя бо В. Ф. Гесс) сарфароз гардид. Ҳамон сол А. бо шогирдаш С. Недермейер мюонро кашф кард, ки солҳои тӯлонӣ бо номи мю-мезон маълум буд. А. дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар соҳаи техникаи ракетӣ таҳқиқот бурдааст.

А́НДЕРСОН (Anderson) Филип Уоррен (тав. 13. 12. 1923, Индианаполис), физики америкоӣ. Дар соҳаи физикаи назариявӣ таҳқиқот мебарад. Донишгоҳи Гарвардро хатм кардааст (1953). Солҳои 1967 – 75 проф. физикаи назариявии Донишгоҳи Кембриҷ буд. Аз с. 1984 то кунун проф. Донишгоҳи Принстон. Тадқиқоташ асосан ба *фавқуннокилият,* фавқулҷоришавӣ, хусусиятҳои магнитии ҷисмҳои сахт ва химияи квантӣ бахшида шудаанд. Тадқиқоти А. роҷеъ ба ноқилияти маводи аморфӣ асоси назариявии бунёди сохторҳои магнитӣ ва номураттабии системаҳо, аз ҷумла нимноқилҳои аморфиро ташкил дод. Солҳои 1949 – 84 дар лабораторияи ширкати Белл дар Нию-Ҷерсӣ оид ба масъалаҳои физикаи муҳитҳои конденсатсияшуда кор кардааст. А. барои таҳқиқот оид ба сохтори электронии магнитӣ ва сохторҳои номураттаб, ки боиси инкишофи калидҳои электронӣ ва афзори ҳофизаи компютерҳо гардид, сазовори Мукофоти Нобел гаштааст.

АНДЕША́, воҳиди асосии тафаккур. Дар А. раванди фаҳмидани худ, одамони дигар ва олами иҳотакарда ифодаи худро меёбад. Асоси А.-ро инъикоси чунин нишонаву аломатҳои ҳодисаҳо, аз қабили монандӣ, қаробат дар фазову вақт ва ғ. ташкил медиҳад. Мувофиқи таълимоти И. М. Сеченов, нуқтаи ибтидоии фикру андешаи инсон муқоисаи ду ҳодиса мебошад ва он ба ҷустуҷӯю муайян кардани алоқаву робитаҳои байни ҳодисаҳою ашёҳо равона мешавад. А. муносибати ҳодисаву ашёро аз рӯи аломатҳои «фарқият – монандӣ», «сабаб – натиҷа» ва «воқеият – имконият» дар бар мегирад. Муносибати мантиқӣ ба воҳидҳои тафаккур ба ӯ аломатҳои ахбордиҳиро ҳамчун хусусияти муҳим медиҳад. Ифодаи нутқии А. дар матнҳо шакли ҷумларо дорад. А. дар баробари ин ба падидаҳои психикие, ки дар муҳити нимкураи чапи майнаи сар ба вуҷуд меоянд, нисбат дода намешавад. А. метавонад дар ҷавоб ба майлҳои (кӯшишҳои) муассир ба вуҷуд ояд, алоқаи ҳар гуна образҳоро, ки моҳияти маърифатӣ доранд, ифода намояд; онро нимкураи рости майнаи сар низ ба вуҷуд меоварад. *М. Давлатов.*

АНДИГО́Н, чашмаи оби минералӣ дар 3,5 км ҷан. шарқии ш. Ваҳдат. Обаш гидрогенсулфат дорад ва таркибан шабеҳи оби минералии чашмаи Матсестаи ш. Сочии кишвари Краснодари Федератсияи Россия аст. Он аз пармачоҳи чуқуриаш 1800 м ба миқдори 4 л/с ҷорист. Ҳарорат дар сарчашма 54°С; минералнокиаш 29 г/л; дар таркибаш хлориди натрию калсий дорад; обаш андаке радиоактивист. Ҳамчун оби шифобахши табобатӣ истифода бурда мешавад. Дар назди чашма қабулгоҳи

муолиҷагирандагон бо сӣ ҳуҷраи ваннадор, ошхона ва ҷойи фароғат бино ёфтааст.

АНДИГО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Абдулло Абдулвосиеви тобеи ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази шаҳр 4 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2844 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, ошхона, тарабхона ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз канали «Баҳористон» обёрӣ мешаванд.

АНДИ́ЕВ Сослан Петрович (тав. 21. 4. 1952, ш. Владикавкази Республикаи автономии Осетия-Алани Шимолӣ, Федеретсияи Россия), варзишгари осетин (оид ба гӯштини тарзи озод). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи ш. Гори (Гурҷистон). Чемпиони ҷаҳон байни наврасон (1969), ду карат чемпиони Олимпӣ (1976, 1980), чор карат чемпиони ҷаҳон (1973, 1975, 1977, 1978), ғолиби Ҷоми ҷаҳон (1973, 1976, 1981), чемпиони Европа (1974, 1975, 1982), ҳафт карат чемпиони СССР (1973, – 78, 1980), чемпиони мутлақи СССР (1976). Устоди хизматнишондодаи варзиши СССР (1973). Соҳиби медали тиллоии Федератсияи байналмилалии гуштини тарзи озод (FILA). Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Дӯстии халқҳо», «Дӯстӣ», медалҳои зиёд сарфароз гардидааст.

АНДИҶО́Н, вилоят дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Санаи ташкилаш 6 марти 1941. Дар қисми шарқии водии Фарғона ҷойгир аст. Масоҳ. 4,2 ҳазор км^2. Аҳолиаш 2,4 млн нафар (2010), ӯзбекҳо, тоҷикон, русҳо, қирғизҳо, уйғурҳо ва дигар миллатҳо зиндагӣ мекунанд. Вилоят ба 14 ноҳияи маъмурӣ – туман, 11 шаҳр (Андиҷон, Асака, Марҳамат, Охунбобоев, Пахтаобод, Пойтуғ, Хонобод, Хӯҷаобод, Шаҳрихон, Қаросув, Қӯрғонтеппа), 5 шаҳрак (Андиҷон, Бӯз, Оламушуки Ҷанубӣ, Куйганёр, Полвонтош) ва 95 ҷамоати деҳот тақсим шудааст. Марказаш – ш. Андиҷон.

Сатҳи ҳудуди А. асосан аз ҳамворӣ, теппакӯҳи Қувва – Андиҷон ва адирҳо иборат аст. Ҳамворӣ аз Ғ. ба Ш. тадричан баланд шуда меравад (то 400 – 650 м). Иқлими А. ниҳоят континентӣ: тобистонаш гарми бардавом, ҳарор. миёнаи июл 27,3°С; зимистонаш сард, ҳарор. миёнаи янв. – 3°С, боришоти миёнаи солона 200 – 250 мм. Захираҳои обии А. нисбат ба дигар вилоятҳо ғанитар аст, заминҳо аз Қародарё, Аравансой, дарёчаҳои Оқбура, Мойлисув, инчунин Канали Калони Фарғона ва Канали Ҷанубии Фарғона обёрӣ мешаванд. Хоки ҳамвориҳо – хокистарранг, маргзорӣ, маргзорию ботлоқӣ. Дар ҳамвориҳо шӯра, шувоғ, най, дар адирҳо растаниҳои хоклес (эфемерӣ), дар нишебии кӯҳҳо писта, бодом мерӯяд. Аз ҳайвонот гург, рӯбоҳ, гуроз, инчунин парандаҳои гуногун вомехӯранд. Дар Хӯҷаобод, Чалақудуқ ва Марҳамат конҳои газу нефт, ангишт, гаҷ, оҳаксанг мавҷуданд. Дар А. саноати энергетика, нефту газ, мошинсозӣ, химия, электротехникӣ, масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ ва саноати сабук (мас., «АНТЕКС» – коргоҳи ресмонресию нассоҷӣ) тараққӣ кардааст. Байни Хӯҷаобод, Андиҷон, Асака қубури интиқоли газ гузаронида шудааст. Дар вилоят ҳанӯз авв. а. 20 з-ди равғанкашӣ (1907, Андиҷон), з-дҳои пахтатозакунии Андиҷон (1911), Асака (1912), Шаҳрихон (1915) сохта шуданд; ҳоло (с. 2010) шумораи з-дҳои пахта ба 13 адад расидааст. Соли 1941 з-ди моторсозӣ, 1954 – з-ди равғану чарбу (собиқ з-ди равғанкашӣ), с-ҳои 1960–70 корхонаҳои калони «Электродвигател», «Электроаппарат», «Электротехника» ба кор даромаданд. Дар даврони истиқлолият аксари корхонаҳои бузургу миёна ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ мубаддал шуданд (зиёда аз 160), наздики 8,5 ҳазор корхонаҳои хурди хусусӣ таъсис ёфтанд. 79 корхонаи муштарак бо давлатҳои хориҷӣ: бузургтаринашон – «УзДЭУавто» – З-ди автомобили Асака (якҷоя бо Корея), «ФАМ» (бо Италия), «Андиҷон – Прага», «Маск» (бо Россия ва Британия), «Ӯздунробита» (бо ШМА) ва ғ. маҳсулоти ба талаботи бозори ҷаҳонӣ мувофиқ истеҳсол мекунанд. Барномаҳои нави ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ роҳандозӣ мешаванд. Соҳаҳои асосии кишоварзӣ ва хоҷагидорӣ: пахтакорӣ, кирмакдорӣ, шоликорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, чорводорӣ ва ғ. Соҳаи селексия, таъмин кардан бо нуриҳои минералию маҳаллӣ (тайёр кардани компост, истеҳсоли аммиак ва ғ.) хуб ба роҳ монда шудааст. Оид ба роҳҳои нави технологияи ҳосилрӯёнӣ, мас., зери плёнка сабзондани чигити пахта, ба шароити маҳал мутобиқ кардани навъҳои дигари пахта (мас., навъи «Оқдарё», «Армуғон», «Фарғона-5»), зудрасии ҳосил, баланд бардоштани ҳосил корҳои бисёре бурда мешаванд; дар соҳаи ғаллакорӣ бо истифода аз навъҳои «Элита», «Суперэлита», «Андиҷон-1», «Андиҷон-2», «Чиллакӣ» аз 1 га то 85 сентнер ҳосил мерӯёнанд. Ҷорӣ шудани соҳибкорӣ ба пешравии тамоми соҳаҳои кишоварзӣ мусоидат кард. Дар давоми сол 2 – 3 ҳосил мегиранд. Дарозии р. о. дар дохили вилоят наздики 2500 км, роҳҳои асфалтпӯш – 6,2 ҳазор км; аэропорти дорои аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар А. зиёда аз 70 муассисаи табобатӣ, 5 санатория, пойгоҳи ёрии таъҷилӣ, наздики 6,5 ҳазор духтур, 22 ҳазор мутахассисони дараҷаи миёнаи тиббӣ кор мекунанд. Дар А. 575 ташкилоти ғайридавлатӣ, 35 нашрия («Андиҷоннома», «Андижанская правда», «Андиҷон тонги», «Андиҷон ёшлари», «Давр садоси» ва ғ.), ширкати радио ва телевизиони вилоятӣ, ширкатҳои телевизион ва радиои ғайридавлатии «Тасвир», «Водий садоси», «Тараққиёт» фаъолият доранд. Дар А. с. 2010-ум 585 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 746 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 28 литсеи академӣ, 21 коллеҷи касбӣ, 24 гимназия, 28 мактаби мусиқӣ, 62 мактаби варзишӣ амал мекард. Дар А. 4 музей, 3 театр, 5 боғи маданияту истироҳат, амфитеатр, китобхонаи вилоятӣ, 508 китобхонаи маҳаллӣ, 183 клуб, 37 хонаи маданият, 966 дастаи ҳавасмандони бадеӣ фаъолият доранд. Дар ҷан. шарқии маркази вилоят дар ҳудуди 300 га Боғи миллии Бобур (Боғи Бобур) ва Боғи Чӯлпон бунёд шудаанд. Зиёратгоҳҳои зиёд дорад (дар Лотконтеппа, теппакӯҳи Ширмонбулоқ, Чилустун). Аз ёдгориҳои меъморӣ Масҷиди ҷомеъ (ох. а. 19, Андиҷон), Масҷиди Понсад (авв. а. 19, Шаҳрихон), мадрасаи Гунбаз (1827, Шаҳрихон), Хонаи Аҳмадбекҳоҷӣ бо шипанги мунаққаш (авв. а. 20, Андиҷон), Мадрасаи Отақӯз бо 5 манорааш (авв. а. 20, Пахтаобод) маҳфуз мондаанд. *М. Шарифзода.*

АНДИҶО́Н, шаҳр дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, маркази вил. Андиҷон. Дар қисми ҷан. шарқии водии Фарғона ҷойгир аст. Аҳолиаш 369 ҳазор нафар (2009). Роҳи оҳан ва аэ-



Андиҷон. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ.

ропорт дорад. Дар а. 9 бо номи Андукон ва дар а. 15 бо номи Андигон шӯҳрат дошт. Дар а. 15 пойтахти давлати феодалӣ, дар а. 19 маркази хонигарии Хӯқанд буд. 9 янв. 1876 ба ҳайати Империяи Россия гузашт. Дар а. 15 бинобар дар роҳи корвонгарди абрешим воқеъ буданаш, ба маркази тиҷорат ва ҳунармандии водии Фарғона табдил ёфт. Авв. а. 20 яке аз марказҳои калони иқтисодӣ ва савдою саноат гардид. Соли 1902 аз заминҷунбӣ хароб гардид ва 4000 нафар одамон фавтиданд. Дар А. то имрӯз анъанаи ҳунарҳои мардумӣ ба мисли зардӯзӣ, кашидадӯзӣ ва қолинбофӣ нигоҳ дошта шудааст. А. яке аз калонтарин маркази ҷамъоварӣ ва коркарди пахта аст. Заводҳои мошинсозӣ, биохимия, коркарди пахта, консервабарорӣ, истеҳсоли равған; ф-каҳои нассоҷӣ, пойафзор, корхонаҳои саноати маҳаллӣ дорад. Дар давраи истиқлолият дар А. 5 корхона оид ба тайёр кардани қисмҳои эҳтиётӣ барои з-ди автомобилбарории «ЎзДЭУавто» сохта ба истифода дода шуд.

Дар атрофи А. конҳои нефту газ мавҷуданд. А. яке аз марказҳои бузурги нақлиётии водии Фарғона ба ҳисоб рафта, дар мобайни панҷ вилоят қарор дорад; ду истгоҳи р. о., аэропорт, инчунин автовокзал дорад, ки аз он ба зиёда аз 200 хатсайр нақлиёт ҳамарӯза дар ҳаракат аст. Дар шаҳр наздики 60 корхонаи муштарак (бо ШМА, Хитой, Корея, Италия, Россия ва ғ.) фаъолият доранд. А. дорои 5 мактаби олӣ, аз ҷумла донишгоҳ, донишкадаҳои омӯзгорӣ, забонҳо ва тиб, Театри вилоятии драма ва маззҳакаи ба номи Охунбобоев, Театри лӯхтак, Театри ҷавонон, Музейи маданият ва таърихӣ-кишваршиносӣ, боғҳои истироҳат, мактабҳои варзишӣ, варзишгоҳҳо аст. Дар А. зиёда аз 3 ҳазор субъекти бизнеси миёна ва хурд фаъолият дорад. Дар А. пойгоҳҳои телевизион ва радио амал мекунанд.

АНДИҶО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Меҳвари ноҳ. Панҷ. Аз А. то маркази ноҳия 5 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 672 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АНДӢ Мададиён (тав. 15. 4. 1956, ш. Теҳрон), сарояндаи арманитабори эронӣ. Аз оғози с-ҳои 80 а. 20 дар Лос-Анҷелиси Америка кору зиндагӣ дорад. Аз машҳуртарин сарояндагони мусиқии попи эронӣ ба шумор меравад. Ба аксар



сурудҳои эҷодкарда худ оҳанг бастааст. Ҳамчун актёр, продюсер, верос-тор (аранжировщик) машҳур буда, мусиқии Шарқу Ғарбро ба ҳам омезиш медиҳад. Асосан ба форсӣ, инчунин ба забонҳои арманӣ, туркӣ, арабӣ, англисӣ таронаҳо месарояд. Бештар ба ашъори шоирони муосири эронӣ ва композиторони навҷӯ таваҷҷӯҳ дорад. А. якчанд албоми сурудҳо сабт кардааст: «Беқарор», «Лайлӣ», «Танҳоӣ», «Роҳи абрешим», «Қаҳрамонони Ватан», «Ёрон», «Хилвати ман», «Хастагарӣ» ва ғ. Дар Тоҷикистон ҳаводорони бисёр дорад, хусусан ҷавонон садою навоишро меписанданд. Соли 2006 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари ҳунарӣ анҷом дод.

АНДОВА́, 1) як навъ асбоби гилкорӣ, ки онро барои молиш ва тахту ҳамвор кардани гаҷхок, регоҳак, каҳгил, гаҷ ва ғ. ба рӯйи чизе (бом, девор, суфа ва ғ.) истифода мебаранд. А., одатан, аз оҳани тунуки 2-миллиметра (дарозиаш 30 – 40 см, бараш 8 – 10 см) сохта шуда, дастааш чӯбин ё оҳанин мебошад. А.-ро аз чӯб ҳам месозанд, ки он ду навъ мешавад: калони чӯбин (дарозиаш 90 см, бараш 12 см) ва хурди пардозӣ (дарозташ 32 см, бараш 10 см); 2) қабати пардозие, ки онро маҳлули бинокорӣ (гил, гаҷ, оҳак ва ғ.) дар сатҳи конструксияи биноҳо (девор, девора, шифт ва г.) ва иншоот ба вуҷуд меоварад, Ин қабат дар бинокорӣ барои ҳамвор ва ба пардози оянда (рангмолӣ, часпондани коғази зардеворӣ) тайёр кардани конструксияҳо, ҳифзи онҳо аз таъсироти атмосферӣ, оташ, барои баланд бардоштани садоногузарӣ, инчунин гарминигоҳдорию хушнамуд кардани сатҳҳо истифода бурда мешавад.

Т. Ҷӯраевв.

АНДО́З, пардохти ҳатмӣ, ки онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ворид менамоянд. Моҳияти иқтисодии А. ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади давлатро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад ва маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки миллии он, саҳмгирии зарурӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ, давлатӣ ва ғ. сарф менамояд. Шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо ва ғ.) мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони асосӣ эътироф шудаанд ва онҳо ӯҳдадор мебошанд, ки андозҳои ба тарзи расмӣ муқарраршударо дар мӯҳлати муайяншуда, тибқи меъёри тасдиқшуда ва пурра ба буҷаи давлат пардохт намоянд. Ҳукумати ҶТ сиёсати А.-ро бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ мегардонад.

Маъхазҳо ва адабиёти таърихӣ-иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳеҷ як кишвари дунё бе пайванди мустақим бо сиёсати А.-бандӣ ва А.-ситонӣ вазифаи пур кардани хазина ё қисмати даромади буҷети давлатро дар амал татбиқ карда наметавонад. Намудҳои гуногуни А. баробари пайдо шудани давлат ва сохторҳои бо он марбут ба миён омадаанд. Ҳар як давлат вобаста ба талаботи давру замонҳои гуногуни таърихӣ низоми А., тарзу қоидаҳо, намудҳои мухталиф ва меъёрҳои онро ҷорӣ мекард ва менамояд. Мисоли равшани инро мо аз таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, таҷрибаи аҳди Сомониён ва давлатдориҳои минбаъда дар ин минтақа, инчунин даврони мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ мушоҳида карда метавонем. Дар а-ҳои 11 – 12 А.-ҳои гуногун, ба мисли харач ва тамға барои савдогарон, мирал барои чорводорон ва ғ. истифода мешуданд. Дар солҳои баъдина давлатдорон сиёсати А.-бандӣ ва А.-ситониро на танҳо дар мадди аввали сиёсати молиявӣ-иқтисодии хеш мегузоштанд, балки барои ғанӣ гардонданди даромади буҷети давлат онро такмил медоданд, тағйироту иловаҳои нав ба нав ворид мекарданд.

Зарурат, моҳият ва принсипҳои истифодаи А.-ро дар Европа аввалин шуда олим Уилям Петӣ с. 1662 дар китоби «Дар бораи андозҳо ва авориз» муайян кардааст. Баъдтар, с. 1776 олими барчастаи иқтисоддон, поягузори илми иқтисод Адам Смит асари безаволи худ «Таҳқиқи

моҳият ва сабабҳои пайдоиши бойгарии халқҳо»-ро интишор намуд, ки дар он масъалаҳои муҳими назарияи иқтисодӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд. Ақидаи ӯ оид ба амали низоми иқтисоди бозорӣ ва танзими он ба воситаи як «дасти ноаён», дар бобати А. ва А.-ситонӣ, принсипҳои асосии он ва масоили дигари иқтисодӣ то имрӯз аҳамияти илмию амалии худро гум накардааст. Маҳз Смит бори аввал чаҳор принсипи классикии ташкили самарабахши фаъолияти А.-ситониро асоснок ва пешниҳод намудааст.

1. Одилона ё боинсофона будани А. Аз рӯи ин принсип А. бояд мувофиқи ҳаҷми даромади пулии андозсупоранда ситонида шавад.

2. Муайянии андоз, яъне меъёр ва мӯҳлати пардохти он бояд пешакӣ ва мушаххас муқаррар гардад.

3. Сарфакорӣ ва камхарҷӣ оид ба А.-бандӣ ва А.-ситонӣ. Моҳияти ин принсип дар он ифода меёбад, ки меъёри А. дар ҳади ақал бошад, то боиси ғорат ва норозигии аҳолӣ нагардад.

4. Дар А.-ситонӣ бояд ба амали худсарӣ ва қонуншиканӣ роҳ дода нашавад ва он бояд ҳамеша таҳти назорати кормандони мақомоти А. бошад.

Истифодаи принсипҳои зикршуда дар фаъолияти мақомоти А. ва намояндагии он дар шаҳру ноҳияҳо барои ба низом овардани амалиёти А.-бандӣ ва А.-ситонӣ, аз байн бурдани беадолатӣ, андозгирии аз меъёр зиёд, решакан кардани худсарию ҷабр кардан нисбат ба А.-супорандагон бештар ба таъмини адолат ва шаффофияти ин раванди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Донишмандони машҳур Давид Риккардо, Ҷон Мейнард Кейнс ва як қатор олимони илми иқтисоди муосир ба масъалаҳои ташаккули механизм ва усулҳои А.-бандӣ, сода, фаҳмо ва самарабахш гардидани истифодабарии принсипҳои А. ва системаи А. таваҷҷӯҳи хос зоҳир кардаанд. Дар шароити амали иқтисоди бозорӣ ва амсилаи иқтисоди омехта, ки ҳоло дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон (мас., ҶХХ, ШМА) мавриди истифода қарор дорад, ба истифодаи амалии боз як қатор принсипҳои дигар ба монанди: сода ва шаффоф будани А., ҳадди ақал будани имтиёзҳои А., ягонагии системаи А.-ҳо дар қаламрави як давлат; қиёсшавандагии А.-ҳо барои кулли А.-супорандагон ва ғ. таваҷҷӯҳи бештар дода мешавад.

Мазмун ва мӯҳтавои масоили А.-бандӣ ва А.-ситонӣ дар низоми А.-и ҳар як кишвар пурра инъикос меёбад. Дар Тоҷикистон низоми А.-бандии хос мавриди истифода қарор дорад. Унсурҳои асосии низоми А. инҳоанд: объекти А.-бандӣ, манбаи А., меъёри А., мӯҳлати пардохти А.; имтиёзҳои А., ҷаримаи А., эъломияи А., агенти А., А.-бандии махсус барои фаъолияти соҳибкории инфиродию хурд ва ғ.

Дар ҷумҳуриҳои узви ИДМ таносуби байни андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ аз ҳамдигар фарқ ва хусусиятҳои хос доранд. Ҳоло (2011) дар ҶТ 17 намуди А.-ҳои умумидавлатӣ мавҷуд аст: андоз аз даромади шахсони воқеӣ; андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андози замин; андоз аз истифодабарандагони қаъри замин; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; андозе, ки тибқи низоми содакардашуда пардохта мешавад; андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ; боҷи давлатӣ; андоз аз фурӯш; андози ҳади ақал аз даромадҳо; андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо; роялти барои об; дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ. Маблағҳои ба буҷети умумидавлатӣ воридгашта, тибқи қонунгузории амалкунанда бо дарназардошти зарурат байни буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ тақсим карда мешаванд. Андозҳои маҳаллӣ аз чор намуд: андоз аз молу мулки ғайриманқул; андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт; андоз аз фурӯши чакана; дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ иборат буда, танҳо ба буҷетҳои маҳаллии дахлдор ворид мегарданд. Дар Тоҷикистон айни ҳол миқдори намудҳои А. зиёд мебошад, гарчанде назар ба солҳои пештар (40 намуд) як андоза кам гардидааст. Дар Тоҷикистон низоми А.-бандӣ дар ҳоли такмил аст.

Андозҳои мустақим. А.-ҳое, ки бевосита мувофиқи меъёрҳои муқаррагардида аз манбаи маблағи андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гирифта ба буҷети давлат ворид карда мешаванд. Ин намуди А.-ҳо бо он фарқ мекунанд, ки ҳаҷми А. аз худи маблағи манбаи андозбандӣ (музди меҳнат, фоида, арзиши амвол, масоҳ. замин ва ғ.) муайян мегардад. А-бандӣ ҳар қадар зиёд бошад, ҳаҷми А.-и ба буҷет гирифташаванда ҳамон қадар бештар мегардад.

Андозҳои ғайримустақим – гурӯҳи А.-ҳое, ки на аз манбаи асосӣ, балки ба тавассути нарх ва тарифҳо муқаррар мешаванд. Ба ин гуна А.-ҳо пеш аз ҳама аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва ғ. мансубанд. Мас., андоз аз арзиши иловашуда дар ҳамаи зинаҳои ҷараёни истеҳсолот ташаккул ёбад ҳам, аслан гаронии ин намуди А. ба зиммаи истеъмолгарон, яъне аҳолӣ гузошта шудааст. Онҳо ин намуди андозро аз ҳисоби маблағҳои худашон месупоранд.

Намудҳои андозҳои умумидавлатӣ.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ – намуди муҳими андози мустақим. Онро бо ҳисоби фоиз аз маблағи умумии даромадҳои пулии шахсони воқеӣ бо роҳи тарҳи харочоти дар заминаи ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда ва бо дарназардошти қонунгузории амалкунанда ҳисоб мекунанд. Дар с. 2009 воридоти андози даромади шахсони воқеӣ ба 7,5%-и маблағи умумии даромадҳои андози буҷети давлатии Тоҷикистон баробар буд. Тибқи Кодекси андози ҶТ шахрвандон ҳамчун шахсони воқеии резидент ва шахсони ғайрирезидент (нафароне, ки дар ташкилотҳои доимӣ фаъолият доранд) ин андозро аз даромади андозбандишаванда ба буҷет пардохт менамоянд. Даромадҳои умумии шахсони воқеӣ иборатанд аз: даромадҳое, ки ба тариқи музди меҳнат гирифта мешаванд; даромадҳо аз фаъолияте, ки кори кироя ҳисоб намешаванд; ҳама гуна даромадҳои пулии дигар. Дар баробари ин, дар қаламрави Тоҷикистон аз намудҳои зерини даромади шахсони воқеӣ андоз ситонида намешавад: даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ ё консулие, ки шаҳрванди ҶТ нестанд; даромад аз меҳнати киройи шахсе, ки резидент ё шаҳрванди ҶТ нест ва дар қаламрави ин кишвар дар соли андозӣ камтар аз 90 рӯз истиқомат дошт, агар чунин даромадро корфармо – ғайрирезидент диҳад; арзиши молу мулки аз дигар шахси воқеӣ дар шакли тӯҳфа ё мерос гирифташуда; тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда дар ҳаҷми 100 музди меҳнати ҳадди ақали моҳона, ки аз як сол зиёд намебошад; ҷоизаҳои дар намоишҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда дар ҳаҷми 500 музди меҳнати ҳади ақали моҳона, ки аз як сол зиёд нест; нафақаҳои давлатӣ, стипендияҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ, аз ҷумла пардохт ва ҷубронпулиҳо барои дафн ва таваллуди кӯдак; алиментҳо аз ашхосе, ки онро мегиранд ва ғ. Аз даромадҳое, ки ба фаъолияти кироя мансуб намебошанд:

1. даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла маблағ аз фурӯш ё додани активҳое (дороиҳое), ки барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дода мешаванд; ҳамзамон маблағҳое, ки аз фурӯши воситаҳои асосӣ пайдо ва ба таркиби даромад дохил карда шудаанд; 2. даромад аз фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ, ба мисли: даромади фоизҳо; суди саҳмияҳо (дивидендҳо); даромад аз иҷора ё кирояи молу мулк; роялтӣ ва ғ. Меъёри амалкунандаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар ҶТ ба таври зайл андозбандӣ (с. 2011) мешавад:

Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ. Ин намуди алоҳидаи андози мустақим буда, онро ҳамаи корхонаҳои ватанӣ ва хориҷии дар қаламрави Тоҷикистон фаъолиятдошта ҳамчун андозсупорандагон ба буҷети давлат месупоранд. Меъёри андоз аз маблағи фоидаи тавозунии корхонаҳои резидентӣ дар Тоҷикистон ҳоло ба 15% баробар аст. Дар асоси Кодекси андози ҶТ дар бобати андоз аз фоида аз тарафи давлат як қатор имтиёзҳо муқаррар гардидааст, ки ташкилоту корхонаҳои зерин аз андозбандии фоида озод мебошанд: ташкилотҳои динӣ, хайриявӣ (эҳсонкорӣ), буҷетӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд; маблағгузорониҳои ройгон ва молу мулки ройгон, аъзоҳақиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд; Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он ва ғ.

Андоз аз арзиши иловашуда – як ҷузъи асосии андози ғайримустақим. Ба воситаи он як ҳиссаи муайяни арзиши изофае, ки дар ҷараёни истеҳсолу муомилоти мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қаламрави ҶТ пайдо мешавад, ба буҷети давлат гирифта мешавад. Ҳамзамон ин молҳои содиротӣ низ бо ҳамон меъёри якхелаи А.-бандӣ, вале аз арзиши гумрукии моли воридшуда бо дарназардошти ҷамъи он бо маблағи андози аксиз ба буҷети умумидавлатӣ пардохт мешавад. Андози мазкур бори аввал с. 1954 дар Франсия ҷорӣ гардидааст. Айни замон онро қариб 140 кишвари олам (ғайр аз ШМА ва Япония) ҳамчун воситаи ғанӣ гардондани буҷети давлат расман истифода мебаранд. Андоз аз арзиши иловашуда андози фурӯши молу хизматҳои замони шӯравиро иваз кард. Шахсони ҳуқуқӣ ва як қисми соҳибкорони инфиродӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ), ки аз меъёри ҳадди ақали ҳаҷми гардиш аз фурӯши мол ва иҷрои кор зиёдтар фаъолият мекунанд, ин намуди андозро бо тартиботи мушаххас ва сари вақт чун ӯҳдадорӣ ба буҷет месупоранд. Механизми ба эътибор гирифтани маблағи муайяни андоз воқеияти ҳақиқӣ дорад ва он дар амал истифода мешавад. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда ҳоло ба 18% аз арзиши иловашудаи молу хадамот дар истеҳсолоти ватанӣ ва молҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда муқаррар гардидааст, ки нисбат ба солҳои пеш (авв. 28%, дертар 20%) мунтазам пасттар шудааст.

Андози аксизҳо, истилоҳи франсавӣ буда маъноияш «қайчӣ кардан ё буридан» аст. Ин андози махсус ва навъи андози ғайримустақим аст, ки аз молҳои зераксизӣ ситонида мешавад. Он аз 1 янв. 1992 тибқи Қонуни андози ҶТ мавриди истифода қарор гирифт. А.-и аксиз манбаи муҳими даромади буҷети умумидавлатӣ буда, аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони мол пардохта мешавад. А.-и аксиз ба баланд шудани нархи мол сабаб гардида, бори нархи изофашуда аз ҳисоби ин омил бар дӯши истеъмолгар ё аҳолӣ меафтад. А.-и аксиз ба молҳо ва хизматҳо тибқи муқаррароти Кодекси андози ҶТ ба молҳои алоҳидаи махсус, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ сурат мегирад ва ба молҳое, ки ба воситаи тиҷорати хориҷа ба бозори дохилӣ ворид мегардад, муайян шудааст ва ба нархи молҳои зераксизӣ дохил мешавад. Ба қатори молҳои зераксизӣ спирт ва машруботи спитрӣ, сӯзишвории минералӣ, нефт ва маҳсулоти коркарди он, шинаҳои резинӣ, автомобилҳои сабукрав ва дигар воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти ороишӣ (заргарӣ) аз тилло, сурб ё нуқра дохил мешаванд. Меъёри А.-и аксиз бо ҳисоби фоиз нисбат ба арзиши молҳои зераксизӣ, ҳамчунин ба маблағи мутлақ ба воҳиди андозгирии моли зераксизӣ бо ифодаи натуралӣ муайян карда мешавад. Номгӯи молҳои зераксизӣ бо пеш омадани зарурати воқеӣ ва танҳо аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти қонунгузор тағйир дода мешаванд.

Андози иҷтимоӣ маблағсупории ҳатмӣ буда, барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби супорандагони А.-и иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ нисбати маблағи умумии музди меҳнат пардохта мешавад. Супорандагони А.-и иҷтимоӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – корфармоён мебошанд. А.-и иҷтимоӣ, ки ба буҷети умумидавлатӣ гузаронда мешавад барои суғӯртакунандагон бо меъёри 25 фоиз аз фонди музди меҳнат дар корхонаҳо ва ташкилотҳо ва барои суғурташудагон як фоиз аз маблағи музди меҳнати ҳисобшудаи ҳар як корманд дар як моҳ муқаррар гардидааст. Супорандагони А.-и иҷтимоӣ асосан соҳибкорони инфиродӣ бо меъёри 20% шахсони ҳуқуқӣ, корфармоён, аъзои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва ғ. мебошанд. Маблағи А.-и иҷтимоӣ ба ҳосили зарби меъёрии якхелаи андоз ва фонди музди меҳнати ҳармоҳаи кормандони корхона ва ташкилотҳо баробар аст. Аз супоридани ин намуди А. озод карда шудаанд: даромади шахсоне, ки дар муассисаҳои дипломатӣ ва консулгарии ҶТ дар хориҷа кор мекунанд; даромади шаҳрвандони хориҷӣ аз кироякорӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи лоиҳаҳои мақсадноки маъқулдонистаи Ҳукумати ҶТ аз ҳисоби маблағҳои грантҳо ва қарзҳои пешниҳоднамудаи давлатҳои хориҷӣ. Муайян кардани меъёри андози иҷтимоӣ кори муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ба он омилҳои зиёд таъсир мерасонанд.

Андози замин ба гурӯҳи андозҳои мустақим дохил мешавад. А.-и заминро ҳамон истифодабарандагоне месупоранд, ки ба онҳо қитъаи замин барои истифодаи бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва ё чун мероси якумра дода шудааст. Он бо дарназардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, арзиши кадастрии замин, таъйиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муқаррар карда мешавад. Объекти андозбандӣ қитъаи замин буда, супорандагони ин намуди А. шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки заминро бояд ҳар чи бештар мақсаднок ва самарабахш истифода баранд. Меъёри А. барои заминҳои шаҳрҳою шаҳракҳо ва берун аз онҳо бо ҳисоби сомонӣ аз ҳар га муайян шудаанд. А.-и замин бо роҳи зарб задани объекти А.-бандӣ (масоҳ. қитъаи замин) ба меъёрҳои дахлдори А.-и замин ба ҳар як воҳиди майдони замин ҳисоб карда мешавад. Меъёри А.-и замин тибқи Қонуни андози ҶТ барои соли ояндаи буҷетӣ нисбат ба меъёрҳои амалкунандаи соли ҷории буҷетӣ аз ҳисоби 0,7 пункти фоизӣ ба ҳар пункти фоизии таваррум, ки ҳангоми ташаккули буҷети давлатӣ барои соли буҷетӣ ба назар гирифта мешавад, намоябандӣ (индексатсия) мегардад.

Аз супоридани А.-и замин инҳо озод мебошанд:

1. Замини мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва ботаникӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ кардааст;

2. Заминҳое, ки ташкилотҳои буҷетӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ истифода мебаранд;

3. Заминҳое, ки таҳти хати мушоҳида (дар тӯли сарҳади давлатӣ) қарор доранд;

4. Заминҳои захираи озоди давлатӣ.

Меъёри А.-и замин барои шаҳрҳо, шаҳракҳо дар ҳаҷми зерин аст: 1. дар ш. Душанбе – 500 сомонӣ аз ҳар га; 2. дар ш-ҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб – 375 сомонӣ аз ҳар га; 3. дар ш-ҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва ш. Хоруғ – 250 сомонӣ; 4. дар дигар шаҳр ва шаҳракҳо – 180 сомонӣ аз ҳар га (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 22 дек. 2005, № 219).

Ҳамзамон барои заминҳои берун аз шаҳрҳо ва шаҳракҳо меъёрҳои миёнаи А. аз як га тибқи Қарори ҶТ аз 22 дек. 2006, № 219 тафриқабандӣ шудаанд (бо сомонӣ). Дар ин маврид, меъёрҳои андозбандӣ бо дарназардошти номи минтақаҳои кадастрӣ, намудҳо ё қитъаҳои замин, аз ҷумла заминҳои кишт ва дарахтҳои бисёрсола, чарогоҳҳо, алафзорҳо, роҳу кӯчаҳо ва ғ. муқаррар карда шудаанд.

Андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин дар шакли **бонусҳо** (Қонуни андози ҶТ аз 21 июли 2010 № 27) ва **роялти** ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ ба таври ҳатмӣ аз тарафи ҳамаи истифодабарандагони қаъри замин пардохта мешавад. Истифодабарандагони қаъри замин зимни истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок ва маъданҳои гуногун ба буҷети давлат бояд ҳатман А. супоранд. Бонусҳо пардохтҳои яккаратаи пулӣ барои истифодабарандагони қаъри замин ба буҷети давлат мебошанд. Бонусҳо дар ду намуд, яъне бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ пардохт мешаванд. Меъёр ва андозаи бонусҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ мекунад. Роялтӣ ҳамчун шакли А.-и ҳатмӣ аз ҷониби истифодабарандагони қаъри замин дар алоҳидагӣ, доир ба ҳар намуди канданиҳои фоиданок ба буҷети давлат супорида мешавад. Ҳаҷми роялтӣ вобаста ба манбаи А.-бандӣ, заминаи ҳисобкунӣ ва меъёр муқаррар карда мешавад.

Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ҳамчун шакли алоҳида ҳамаи корхонаҳои резидентӣ ва хориҷие, ки ба таври доимӣ дар ҶТ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба буҷет месупоранд. Инчунин як қисми соҳибкорони инфиродӣ, ки бо А.-и даромад, А.-и иҷтимоӣ ва А. аз фурӯши чакана А.-бандӣ карда мешаванд, супорандагони ин намуди А. мебошанд. Меъёри он асосан дар ҳаҷми 2 фоизи манбаи А. муқаррар карда мешавад. Барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминот ва фурӯш 0,5 фоизи манбаи А. муқаррар карда шудааст. Манбаи А. бо роҳи ҷамъ кардани ҳамаи хароҷоти дар давраи ҳисоботии А. кардашуда дар ҳаҷми пурра, бо дарназардошти маҳдудиятҳо бо хароҷот ҳисоб карда мешавад.

Андозе, ки тибқи низоми содакардашуда пардохта мешавад. Ин як намуди махсуси А. ба буҷет мебошад. Супорандагони А.-и мазкур соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳо, филиал ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд. Даромади онҳо барои давраи на зиёда аз як соли тақвимӣ ба дарназардошти А. аз фурӯши чакана аз ҳадди чоркаратаи муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ барои мақсадҳои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи А. аз арзиши иловашуда зиёд намебошад. Объекти А.-бандӣ даромади умумии дар давраи ҳисоботӣ бадастомада аст. Меъёри А. дар ҳаҷми 12 фоизи объекти А.-бандӣ муқаррар карда мешавад. Тибқи Кодекси андози ҶТ соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд, ки барои супоридани А. аз шакли патент истифода намоянд.

Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ. Ин намуди навест, ки меъёри А.-бандиро аз рӯйи якчанд намудҳои А. расман иваз кардааст. А.-супорандагони ин намуди А. шахсони ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки барои онҳо замин воситаи асосии истеҳсолот аст. Маблағи А.-и ягона аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вобаста нест. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар давоми фаъолияташон бо А.-и ягона А.-бандӣ шудаанд, аз супоридани А.-и истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, А. аз арзиши иловашуда, А. аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, А.-и ҳадди ақал аз даромадҳо, А.-и замин, А.-е, ки тибқи низоми соддакардашуда супорида мешавад озод карда мешаванд. Меъёрҳои А.-и ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳар га замин барои соли тақвимӣ (бо сомонӣ) бо дарназардошти номи минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои заминҳои киштшаванда ва дарахтони бисёрсола тафриқабандӣ шудаанд. Дар заминҳои обие, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешавад, меъёри А.-и ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми нисфи меъёри дар Кодекси андоз зикрёфта муқаррар мешавад.

Андозҳои гумрукӣ ё б о ҷ у х и р о ҷ и г у м р у к ӣ дар Кодекси андози ҶТ бо унвони «боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ» зикр шудааст. Ин намуди пардохти ҳатмӣ ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ танҳо ҳангоми воридоти молҳо аз кишварҳои хориҷӣ бо тартиботи махсус ҳисоб карда мешавад, ки моҳият ва мӯҳтавои он дар Кодекси гумруки ҶТ инъикос ёфтааст.

Боҷи давлатӣ навъи андози ҳатмӣ ба буҷети умумидавлатӣ буда, А.-супорандагони он ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ эътироф гардидаанд. Ин боҷ ҳангоми бо ариза мурочиат кардани онҳо ба идораҳои давлатӣ барои хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва дидани нусхаи ҳуҷҷатҳо муқаррар шудааст. Аз ин рӯ, меъёри боҷи давлатӣ аз ичрои ин ё намуди хизмати ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Маводи зарурӣ дар ин бобат дар Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 февр. 2004, № 19 зикр шудааст.

Андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия) пардохти ҳатмӣ ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси Кодекси андози ҶТ (2011) супорандагони А. аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки ин молҳои истеҳсолшударо ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳвил медиҳанд. Объекти А.-бандӣ арзиши молҳои таҳвилшудаи А.-бандишаванда, ба гарав монда, тибқи муомилоти фючерсӣ фурӯхташуда, ба сифати ашёи хоми молик додашаванда, содир кардани молҳои мазкур ба хориҷи ҶТ мебошад. Меъёрҳои А. аз фурӯш барои ҳисобкунии маблағи А. бо фоиз нисбати нархҳои биржавии А.-бандишаванда барои нахи пахта 10 фоиз ва барои алюминийи аввалия 3 фоиз муайян карда шудааст.

Андози ҳади ақал аз даромадҳо. Ин намуди А. тибқи санадҳои қонунгузории ҶТ 20 марти 2008 ҷорӣ карда шудааст. Супорандагони чунин А. инҳоанд: корхонаҳои резидентӣ; корхонаҳои хориҷӣ, ки дар ҶТ фаъолияти соҳибкориро ба воситаи муассисаҳои худ анҷом медиҳанд; соҳибкорони

инфиродие, ки даромади умумиашон дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи тақвимӣ аз ҳадди чоркаратаи барои мақсадҳои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи А. аз арзиши иловашуда зиёд бошад. Меъёри А.-и ҳади ақал аз даромадҳо ба як фоизи объекти А.-бандӣ баробар аст.

Андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо. Супорандагони ин намуди А. шахсоне мебошанд, ки аз ҶТ маҳсулоти коркардро ба хориҷи кишвар мебароранд. Объекти А.-бандӣ арзиши маҳсулоти коркард мебошад. Меъёрҳои А. аз маҳсулоти коркард аз ҷониби Ҳукумати ҶТ бо фоиз аз арзиши маҳсулоти коркард ё бо маблағи устувор барои воҳид муайян карда шудааст. Маблағи А.-и аз маҳсулоти коркард пардохташаванда дар асоси арзиши маҳсулоти коркард дар рӯзи баровардани он аз ҳудуди ҶТ ва инчунин меъёри А. ҳисоб карда, то баровардани маҳсулоти коркард аз ҳудуди ҷумҳурӣ пардохта мешавад. Шахсоне, ки коркарди маҳсулоти ба ҶТ воридшавандаро анҷом медиҳанд, ба сифати агенти А. барои сари вақт ва пурра ҳисобкунӣ ва пардохти А. амал менамоянд.

Андози роялтӣ барои об. Ин намуди А. тибқи Қонуни ҶТ аз 26 марти 2009 ҷорӣ гаштааст. Супорандагони роялтӣ барои об шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки дар ҶТ обро барои истеҳсоли нерӯи барқ истифода мебаранд. Объекти А.-бандии роялтӣ барои об истифодаи объектҳои (иншооти) обӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқии обӣ эътироф шудаанд. Манбаи А. нисбат ба ҳар як объекти обӣ алоҳида муқаррар карда мешавад. Истифодаи объектҳои обӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ ҳангоми аз 1000 кВт бештар набудани иқтидори объектҳои барқистеҳсолкунанда аз супоридани А. озод мебошанд. Меъёри роялтӣ барои об ба андозаи 0,06 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳар 1000 кВт/соат ба ҳолати охири даврааи А муқаррар карда мешавад. Маблағи роялтӣ барои об аз рӯи натиҷаи ҳар як даврааи А. ҳамчун ҳосили зарби манбаи А. ба меъёри А. ҳисоб мекунанд.

Андозҳои дигари ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ, одатан, моҳияти комплексӣ доранд ва аз А.-ҳои гуногун таркиб ёфтаанд. Номгӯи ин гуна А.-ҳо дар санадҳои дигари ҳуқуқӣ – меъёрии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Андози маҳаллӣ:

Андоз аз молу мулки ғайриманқул – навъи А., ки ба буҷети маҳаллӣ ворид мешавад. Супорандагони ин намуд А. шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, яъне моликон ва истифодабарандагони молу мулки ғайриманқул мебошанд.

Объектҳои А.-бандӣ: хонаҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳо, бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳое мебошанд, ки ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф шудаанд. Манбаи А. масоҳ. ҳамаи ошёнаҳои молу мулки ғайриманқул (ба истиснои иншоотҳо) мебошад, ки бо дарназардошти зарибҳо тасҳеҳ шудааст. Манбаи А. барои иншоотҳо масоҳ. замине ба ҳисоб меравад, ки дар амал онҳо ишғол намудаанд. Ҳангоми ҳисоб кардани манбаи А. масоҳ. ошёнаи якум, таҳхона, болохона, ошёнаҳои 2 – 5 ва ғ. тартиботи хос муқаррар шудааст.

Имтиёзҳо оид ба ин А. вуҷуд доранд; молу мулки ғайриманқули ташкилотҳои буҷетӣ ё корхонаҳое, ки на камтар аз 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медиҳад, А.-бандӣ намешавад; молу мулки ғайриманқули Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамонони Тоҷикистон, шахсоне, ки бо се дараҷаи ордени Шараф мукофотонида шудаанд, иштирокчиёни ҶБВ (1941 – 45), шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ ва ғ.; иншооти роҳҳои оҳани истифодаи умум, роҳҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум, қубурҳои интиқоли магистралӣ, хатҳои интиқоли барқ ва дигар иншооте, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад, А.-бандӣ намегардад.

Меъёри А. аз молу мулки ғайриманқул дар ҳаҷми карат аз меъёри А.-и замин муқаррар карда шудааст; молу мулки ғайриманқул, дар шакли бинои истиқоматӣ – ба андозаи 15-карата; молу мулки ғайриманқул барои мақсадҳои тиҷоратӣ, нуқтаҳои хӯроки омма ва хизматрасонии маишӣ – ба андозаи 60-карата ва ғ.

Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт як намуди А.-и ҳатмӣ буда, пурра ба буҷети маҳаллӣ ворид мегардад. Супорандагони ин А. ҳамаи шахсони соҳиби воситаи нақлиёте мебошанд, ки дар воҳидҳои бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии ҶТ ба қайд гирифта шудааст. Объекти А.-бандӣ ҳама гуна воситаи нақлиётест, ки дар гурӯҳи 87 (таҳти рамзҳои 8702 – 8705, 8711)-и номгӯи молии фаъолияти хориҷии иқтисодӣ зикр ёфтааст. Аз пардохти А. инҳо озоданд: мошинҳо ва механизмҳои тасмачарх; комбайнҳои муҳарриқдори ғаллағундорӣ ва махсус, аз ҷумла комбайнҳои пахтачинӣ; автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи омма барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо истифода мебаранд; мотоколяска ва автомобилҳои бо даст идорашавандаи ба маъюбон таалуқдошта; як автомобил новобаста аз иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, шахсоне, ки дорандаи ҳамаи се дараҷаи ордени Шараф, иштирокчиёни ҶБВ-и с-ҳои 1941 – 45, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ доир ба муҳофизати СССР, собиқ партизанҳо ва ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил мебошанд. Манбаи А. иқтидори муҳаррики воситаҳои нақлиёт мебошад, ки бо воҳидҳои қ. а. ифода ёфтааст. Меъёрҳои А. вобаста ба намуди воситаҳои нақлиёт тафриқабандӣ шудаанд ва дар як сол аз 2,5 фоиз (барои мотосикл ва моторолерҳо) то ҳадди аксар – 13,75 фоиз (барои автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна)-ро ташкил мекунанд.

Андоз аз фурӯши чакана пардохт ба буҷети маҳаллӣ аст. Супорандагони А. аз фурӯши чакана соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки ба савдои чаканафурӯшии мол машғуланд. Объекти А.-бандӣ фурӯши чаканаи молҳо, аз ҷумла фурӯши маҳсулоти хӯроки омма дар ҳудуди шаҳр (ноҳия) мебошад. Манбаи А. арзиши фурӯши чаканаи молҳо ба ҳисоб меравад. Маблағи фурӯши чаканаи молҳо дар асоси усули хазинавӣ вобаста ба нархи озод, ки А. аз арзиши иловашуда ва аксизҳо оид ба молҳои зераксизиро дар бар мегирад, ҳисоб карда мешавад.

Меъёри А. бо ҳисоби 3 фоизи нархҳои чаканаи озоди (бозорӣ) мол муқаррар карда шудааст. Давраи А. моҳи тақвимӣ мебошад. Арзиши молҳои ба тарзи чакана фурӯхташуда аз ҷониби А.-супоранда мустақилона, дар асоси нишондиҳандаҳои мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, дигар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё сабти дафтари фурӯш, ки шакл ва тартиби пешбурди онро мақоми А. муқаррар менамояд, ҳисоб карда, дар эъломияи ҳармоҳа оид ба

А.-и фурӯши чакана инъикос карда мешавад. *С. Ҳабибов.*

АНДОЗА́, категорияи фалсафист, ки ягонагӣ ва робитаи тағйироти миқдорию сифатии чизҳо, таносуби хосиимиқдорвасифатиобъектроифода мекунад; ҳадест, ки дар он тағйироти миқдорӣ боиси тағйироти пурраи сифати ашё мегардад. Миқдори муайяни чизҳо бе тағйир ёфтани сифат ҳам тағйир меёбад, вале бетафовут афзудану костан ҳадди худро дорад, ки таҷовуз аз он боиси тағйирёбии сифат мешавад. Мас., ҳарор. об аввал ба ҳолати он ҳеҷ таъсир намерасонад, лекин баъдтар ҳангоми баланд ё паст шудани ҳарор. он ба нуқтаи муайяне расида, сифати обро тағйир медиҳад, вай ё бухор мешавад ё ях мебандад. А.-и ҳолати сахтии об ҳарор. аз 0^0 С пасттар, А.-и ҳолати моеии об ҳарор. аз 0^0 то 100^0 , А.-и ҳолати газмонанди об ҳарор. аз 100^0 С баландтар аст. Тағйир ёфтани А. боиси ба вуҷуд омадани таносуби нави миқдору сифат мегардад. Лаҳзаи аз як А. ба А.-и дигар гузаштанро нуқтаи асосии гузариш аз ҳолате ба ҳолати дигар меноманд. Мас., тафовути сифати оксигену озон натиҷаи бевоситаи аз миқдори гуногуни атомҳо таркиб ёфтани молекулаҳои ин моддаҳо мебошад. Молекулаи оксиген аз ду атом ва молекулаи озон аз се атом иборат аст. Ё аз якдигар сифатан фарқ кардани оксиди нитроген (N_2O) ва ангидриди нитроген (N_2O_5), ки яке газу дигаре моддаи сахт мебошад, ба он вобаста аст, ки оксигени молекулаи ангидриди нитроген аз молекулаи оксиди нитроген панҷ баробар зиёд аст. Инак, тағйироти миқдор фақат то ҳудуди муайян боиси тағйироти сифатӣ намегардад. Ҳудуде, ки дар он тағйироти миқдорӣ тағйироти сифатиро ба амал намеорад, А. аст. *Н. Арабзода.*

АНДОЗА́, асбоби чӯбинест дар меъмории миллӣ, ки ҳангоми кандакории сутуну болор ва зерравҳо истифода мешавад. Мас., бо А.-и нимдоира миёнбади сутунро тарошидаву кандакорӣ кардан мумкин аст. Сутунҳои чӯбини ш-ҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Исфара ва ғ. гувоҳӣ медиҳанд, ки сохти сутунҳо бештар ба шакли А. вобаста аст. А.-ро ҳангоми кандакории дигар қисмҳои сутунҳо, болорҳо, зерравҳо ва равоқҳои бино ҳам истифода мебаранд. *М. Рӯзиев.*

АНДОЗАНОКИИ БУЗУРГИИ ФИЗИКӢ, ифодае, ки алоқаи бузургиҳои физикиро бо бузургиҳои асосии системаи воҳидҳо нишон медиҳад. Комитети байналхалқии ченаку вазнҳо системаи воҳидҳоеро қабул кард, ки аз ҳафт бузургии асосии новобаста иборат аст. Чунончи, дар *Системаи байналхалқии воҳидҳо* (СИ) ба сифати бузургиҳои асосӣ дарозӣ (L), масса (M), вақт (T), қувваи ҷараёни электрикӣ (I), ҳарорати термодинамикӣ (Θ), миқдори модда (N) ва қувваи рӯшноӣ (J) қабул шудаast. Воҳиди бузургиҳои дигар (*суръат, кор, гармигунҷоиш, ноқилияти электрикӣ* ва ғ.) бузургиҳои ҳосилавӣ мебошанд. Вобастагии байни бузургиҳои асосӣ ва ҳосилавиро ин тавр муайян мекунанд:

$$[P] = L^{\alpha} M^{\beta} T^{\gamma} \Theta^{\delta} I^{\tau} \ldots$$

Нишондиҳандаи дараҷаҳо (α, β, γ, δ, τ, …) қиматҳои бутун, каср, мусбат, манфӣ ва сифр шуда метавонанд. Мас., формулаҳои андозанокии суръат, кор, ғунҷоиш ва ноқилияти электрикӣ чунин аст:

$[\upsilon] = L M^0 T^{-1}$; $[A] = L^2 M T^{-2}$;

$[c] = L^2 M T^{-2}\Theta^{-1}$ ва

$[G] = L^{-2} M^{-1} T^3 I^2$.

Дар сурати $\alpha=\beta=\gamma=\delta=\tau=0$ будан андозаи ин бузургиҳо нисбат ба бузургиҳои асосӣ ба сифр баробар мегардад. Формулаи А. дар системаи воҳидҳои гуногун якхела буда, қимати бузургиҳо танҳо ба воҳиди ченкунӣ вобаста аст.

АНДОЗБАНДӢ, усулҳои татбиқи андозситонии давлатӣ. Мувофиқи тарзи андозситонӣ А. ду навъ мешавад: мустақим ва ғайримустақим. Андози мустақим аз даромад ва ё амволи ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда ситонда мешавад. Андози мустақим дар нафси худ ду навъ мешавад: андози мустақими воқеӣ, ки бо он қитъаҳои замин, ҳайвоноти хонагӣ, амволи ғайриманқул ва андозҳои мустақими воқеии хусусӣ, ки даромад ё амволи ашхоси воқеӣ (андоз аз даромад, андоз аз мерос ва ё чизҳои ҳадяшуда ва амсоли инҳо) А. мешаванд. А.-и ғайримустақим (ё худ аксизҳо) аз тариқи арзиши молҳо, аслан ашёи сариstеъмол ситонда мешавад. Объекти А. ва (ё) объекти бо А. алоқаманд объекти дорои тавсифи арзишӣ, миқдорӣ ё физикӣ буда, ҳангоми мавҷудияти он (объект) қонунгузории андоз нисбати андозсупоранда (субъект) ӯҳдадориҳоро доир ба пардохти андоз муайян менамояд. Ҳар кадом андоз объекти мустақили ба худ хос дорад.Ниг. низ *Андоз.*

АНДО́ЗИ САРИКАСӢ, намуди андоз дар Россияи а-ҳои 18 – 19, ки аз ҳамаи мардон (аз кӯдак то мӯйсафед) ситонда мешуд. Онро с. 1724 Пётри I ҷорӣ кард. Дар як вақт барӯйхатгирии аҳолии андозсупоранда гузаронда, арзиши андози сарикасӣ муайян карда шуд (ғайри дворянҳо ва рӯҳониён). Барои нигоҳ доштани армияи сершумор Пётри I бо укази худ аз 28 ноябри 1718 фармон дод, ки шумораи мардони ба хизмати армия даъватшаванда, шумораи ротаву полкҳои аз онҳо ташкилшаванда ва музди миёнаи онҳо дар давоми сол муайян карда шавад. А. с. аз 1 янв. 1887 дар қаламрави Россия бекор карда шуда, танҳо дар Сибир ситонда мешуд. Ниг. низ *Ҷизя.*

М. Холов.

АНДО́ЗИ ҲАВЛӢ, ниг. *Хонашумор.*

АНДОЗСУПОРАНДА́, субъекти муносибатҳои ҳуқуқи андоз, соҳиби объекти андозбандӣ (даромад, фоида, амвол, васоити нақлиёт ва ғ.) бақооварандаи амалиётест, ки ба онҳо андоз баста мешавад (истеҳсоли моли аксизталаб, ворид намудани мол, фурӯши мол ва ғ.). Дар муносибатҳои иқтисодӣ А.-ҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси воқеии қобилияти ҳуқуқи андоздошта иштирок менамоянд.


АНДО́РРА, Князигарии Андорра, давлат дар ҷан. ғарби Европа, дар байни Испания ва Франсия. Масоҳ. 468 км^2. Аҳолиаш 84082 нафар (2009). Пойтахташ ш. Андорра-ла-Вйеха. Забони гуфтугӯӣ –каталанӣ, инчунин забонҳои франсавӣ, португалӣ ва испанӣ мураввақ аст. Дини асосӣ – католикӣ.



Парчам ва нишони Андорра.

Сохти давлатӣ. А. давлати демократӣ-парламентӣ (1993) бо мақоми идоракунии якҷояи князӣ буда, аз с. 1278 инҷониб онро Президенти Франсия ва епископи Урхел (Испания) якҷоя идора мекунанд. Мақоми қонунбарор – парламенти якпалатагӣ (Шӯрои генералии иборат аз 28 аъзо), ки роҳбари ҳукуматро интихоб мекунад ва аъзои ҳукуматро таъйин менамояд. А. узви Шӯрои Европа, СММ ва ОБСЕ аст.

Таърих. Дар манбаъҳо А. бори нахуст с. 805 зикр шудааст. Дар асрҳои миёна хоки А. асосан мулки феода-



лии графҳо де Фуа ва усқуфҳои Урхел буд. Соли 1278 байни онҳо дар бораи ҳукмронии якҷоя бар А. созишнома баста шуд. Баъдтар ҳуқуқи графҳо де Фуа ба шоҳон ва дертар ба Президенти Франсия гузашт. Соли 1866 дар А. конститутсия ҷорӣ гашт ва с. 1867 ҳокимияти епископи Урхел (Испания) дар ҳаёти дохилии ҷамоаҳо як қадар маҳдуд карда шуд.

Табиат. А. дар нишебии Пиреней, дар байни Франсия (аз Шим.) ва Испания (аз Ҷ.) ҷойгир аст. Релйефи А. – алпии чиндор. Минтақаи кӯҳиаш асосан аз ҷинсҳои кристаллии даврои палеозой (санги хоро, гнейс, кварс) ва қисми ками он аз регҳои таҳшинӣ, оҳаксанг ва маъдани даврои мезозой иборат мебошад. Қисми нисбатан пасттари масоҳ. он дар баландии 880 м аз с. б. ва қисми баландтари он (назди сарҳади ғарбии мамлакат) дар баландии то 2900 м ва аз он зиёд воқеъ аст. Нуқтаи баландтарин – ш. Кома Педрос (2946 м). А. кони мармар, сурб, оҳан ва хоросанг дорад. Аз пастхамии он д. Валира бо шохобаш (ҳавзаи д. Эбро) ва қисман д. Арйеж (ҳавзаи д. Гаронна) мегузарад. Дарёҳои кӯҳии А. захираи калони энергетикӣ доранд. Дар табиати А. таъсири фаъолияти яхбандӣ ҳис карда мешавад. Дар кӯҳҳои А. кӯлҳои бисёри аз яхҳо тавлидгашта мавҷуданд. Чашмаҳои минералӣ ва обҳои гарми зеризаминӣ ҳам ҳастанд. Иқлимаш алпӣ ва сард аст. Дар кӯҳҳо ҳарор. миёнаи янв. –15°С, дар водиҳо –2°С, ҳарор. миёнаи июл дар водиҳо +20°С, дар кӯҳҳо +10 – 15°С. Боришоти солона дар кӯҳсор аз 1000 то 2000 мм, дар водиҳо то 400 – 500 мм. Хушксолӣ зуд-зуд рӯй медиҳад. Оламинаботот ва ҳайвоноти А. бо дасти инсонҳо хароб гаштааст. Дар минтақаи ҷангалзори А. дарахтони паҳнбарг ва сӯзанбарг (булут, кастона, шамшод, коҷ, санавбар ва сарв) мерӯянд. Минтақаи баландтари А.-ро марғзори субалпӣ ва алпӣ фаро гирифтааст. Олами ҳайвоноташ аз оҳувон, хояндаҳо ва парандаҳо иборат аст. Яке аз масъалаҳои ҳалталаби А. пешгирӣ намудани буридани ҷангал, эрозияи хок мебошад, ки дар натиҷаи васеъ кардани чарогоҳҳо ва харидани чорво ба амал омадааст.

Аҳолӣ. А. давлати сермиллат буда, дар он испаниҳо (43%), андоррагиҳо (каталаниҳо;, 33%), португалиҳо (11%), франсавиҳо (7%) ва дигар миллатҳо (5%) зиндагонӣ мекунанд. Қисми бештари аҳолӣ дар водиҳо, асосан дар пойтахт ва шаҳрҳои хурд маскунанд. Шаҳрнишинон – 62,5%.

Иқтисод. Асоси иқтисодиёти А.-ро соҳаи туризм (80%-и ММД, 10 млн сайёҳ дар як сол (2010), тиҷорат ва муомилоти бонкӣ ташкил медиҳад. Сайёҳонро бештар табиати зебо, имконияти васеи ба варзиши лижаронӣ машғул шудан, чашмаҳои гарми табобатӣ ва минералӣ, тиҷорати аз ҳамаи намудҳои андоз озод ба худ ҷалб кардааст. А. маркази молиявии байналмилалӣ буда, пардохти андози имтиёздор барои равнақи фаъолияти гуногунҷабҳаи молиявӣ мусоид аст. Соҳаи муҳими иқтисодиёти мамлакат парваришу коркарди тамоку аст. Дар ин ҷо асосан ба истеҳсоли маҳсулоти тамоку (сигарет) ва мебел муваффақ гаштаанд. Инчунин корхонаҳои саноати сабук, истеҳсоли панир ва обҳои минералиро ба роҳ мондаанд.

Дар А. ҳунарҳои қадимаи мардумӣ, анъанаҳои косибӣ, инчунин филизгудозии бадеӣ, кандакорӣ дар чӯбу санг, истеҳсоли дастии ороишоти занона ва армуғонҳо то ҳол боқӣ мондаанд. Аз сабаби нарасидани замини кишт истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ кам ба назар мерасад. Аҳолии деҳаҳои кӯҳистон ба парвариши чорво ва қисми хеле ками онҳо ба парвариши картошка, ангур ва зироати дигар машғуланд. Нақлиёти А. асосан автомобилист. А. бандар, р. о. ва аэропорт надорад. Ба А. ба воситаи Франсия ё Испания ворид мешаванд. Дар А. бештар содироти пашм, ангишти чӯб, маҳсулоти тамоку, панир ва обҳои минералӣ ба роҳ монда шудааст. Мубодилаи молу мавод низ асосан бо Франсия ва Испания сурат мегирад. Гирифтани маълумот барои наврасони аз 6 то 16-сола ҳатмӣ буда, таҳсилот дар мактабҳои миёна ройгон аст. Дар А. се навъи мактаб – франсавӣ, испаниягӣ ва андоррагӣ мавҷуд аст. Сохтмон ва нигаҳдории мактабҳо бар дӯши А. буда, маоши муаллимони мактабҳои франсавӣ ва испаниягиро ҷониби Франсия ва Испания таъмин мекунад. Ҳамагӣ як донишгоҳ дорад. Дар соҳаи тандурустӣ системаи давлатии суғуртаи тиббӣ барои тамоми коркунон ва аъзои оилаи онҳо ҷорист, ки он аз ҳисоби ҳаққи пардохти онҳо пурра гардида, аз 75 то 100%-и хароҷоти муолиҷаро ҳамин суғурта таъмин мекунад. Дар А. 12 маркази тиббии ёрии аввалия мавҷуд аст. Се рӯзномаи миллӣ, як шабакаи телевизион ва ду пойгоҳи радиошунавонӣ дорад. Иди миллии А. – Рӯзи Модархудои Меритшеллӣ мебошад, ки 8 сент. қайд карда мешавад.

Ад.: Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005; Страны мира (современный справочник), М., 2008.

АНДРАДИ́Т, минерал, силикат аз гурӯҳи гранатҳо, ки хеле маъмул аст. Ба шарафи минералшиноси бразилиявӣ Жозе Бонифатсио де Андрада е Силва (1763 – 1838) номида шудааст. Формулаи химиявиаш $Ca_3Fe_2Si_3O_{12}$. Системаи кристаллбандиаш кубӣ. Рангаш сиёҳ, зардчатоби ҷигарӣ, сурх, сабзи зардчатоб, ҷилояш шишагун, шаффоф ва нимшаффоф. Сахтиаш аз рӯи шкалаи минералии Моос 6,7 – 7, зичиаш 3700 – 4100 кг/м^3, Нишондиҳандаи шикасташ – 1,888.

АНДРЕ́ЕВ Борис Фёдорович (9. 2. 1915 – 25. 4. 1982), актёри кино, Артисти халқии СССР (1962). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи театрии Саратов (Россия, 1937). Дар кино зиёда аз 50 рол бозидааст. Ролҳои аввалинаш дар кино: Назар Дума («Ронандагони трактор, 1939), Харитон Балун («Ҳаёти бузург, 1940). Ғайр аз ин чандин ролҳои хотирмон ба мисли Довбня («Богдан Хмелниский», 1940), Саша Свинсов («Ду ҷанговар», 1943), Яков Бурмак («Гуфтор дар васфи сарзамини Сибир», 1948, Мукофоти давлатии СССР), Иля Журбин («Хоноводаи бузург», 1954) ва ғ. офаридааст. Ролҳое, ки дар оғози фаъолияташ офаридааст, одатан, симои ҷавонони руси ҳамзамонашро таҷассум менамуданд. Онҳо дар худ умумияте доштанд: дар зоҳир ҷавонони содалавҳу дағалнамо ва дурушт, вале дар ботин А. онҳоро инсонҳои дилкушоду сахӣ ва пурмеҳр тасвир мекард. Ҳуввияту сифатҳои беҳтарини мардуми рус дар он ролҳо таҷассум меёфтанд. Соли 1942 дар офаридани роли Иван дар

филми «Фарзанди Тоҷикистон» аз рӯи сенарияи М. Раҳимӣ иштирок кардааст. Ин яке аз аввалин асарҳое буд, ки кинематографистони тоҷик ва рус дар заминаи истеҳсолии кинематографистони тоҷик рӯи навор овардаанд. Дар филми «Фарзанди Тоҷикистон» бидуни ҳадафи ташвиқотиаш дар муқоисаи ду шахс, намояндаи ду қавм – ҷанговарон Ҳофизи тоҷику Ивани рус кӯшиши ба вуҷуд овардани характерҳои миллӣ мушоҳида мешавад. Маҳз ҳамин филм минбаъд таҷрибае шуд барои А. дар офаридани образи Саша Свинсов дар филми «Ду ҷанговар». А. барандаи Мукофоти давлатии СССР (1948 – 1950) мебошад. Бо орденҳои Ленин, «Ситораи Сурх» ва медалҳо сарфароз гардидааст.

С. Раҳимов.

АНДРЕ́ЕВ Василий Апполонович (1906, деҳаи Салёнаи ҳозира н. Солонянски вил. Днепропетровск - 1974, Душанбе), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945), сержанти калони гвардиячӣ. Солҳои 1928 – 31 дар сафи Армияи Сурх хизмат карда, баъдан дар Тоҷикистон муқимӣ шуд. Ноябри 1941 дар ш. Сталинобод ба сафи Армияи Сурх даъват шуда, дар ротаи 2-юми пулемётчиёни полки 82-юми гвардиягии Севастопол, ки дар ҳайати дивизияи 32-юми гвардиягии орденҳои Байрақи Сурх ва Суворовдори Таман буд, хизмат кардааст. Апр. 1945 дар нимҷаз. Земланд дар маҳали аҳолинишини Гаутен қаҳрамонӣ зоҳир намуд. Ба муқобили баталионе, ки ӯ хизмат мекард, гитлерчиён қариб як полки пиёдагардро таҳти ҳимояи тӯпҳои худгард равона карданд. Ҳангоме ки тӯдаи фашистон ба камингоҳи ҷанговарони мо наздик шуданд, А. онҳоро бо оташи пулемёт пешвоз гирифт. Дар рафти амалиёт расчёти А. ҳуҷуми душманро зада гардонд ва 140 нафар фашистро асир гирифт. А. мачрӯҳ шуда бошад ҳам, то расидани ҷанговарони шӯравӣ истодагарӣ кард. Соли 1945 А. аз хизмати ҳарбӣ баргашта, дар ташкилотҳои гуногуни бинокории Душанбе кор кард. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Ҷангӣ, Шараф (дараҷаи III) ва медалҳо сарфароз гардидааст.

Ад.: Онҳо Ватанро мудофиа кардаанд (Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ – фарзандони Тоҷикистон), Д., 1985; Герои Советского Союза. Краткий биографический словарь, т.1, М., 1987.

Б. Аҳмадов.

АНДРЕ́ЕВ Михаил Степанович (11. 9. 1873, Тошканд – 10. 11. 1948, Сталинобод), таърихнигор, забоншинос ва этнограф. Узви вобастаи АИ СССР (1929), узви вобастаи АИ РСС Ӯзб. (1943), Ходими хизматнишондодаи илмии РСС Тоҷ. ва РСС Ӯзб. Дар яке аз мактабҳои ибтидоии гимназияи ш. Тошканд муддати шаш сол таҳсил мекунад. Аз хурдсолӣ забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва ӯзбекиро меомӯзад. Баъди хатми семинарияи муаллимии ш. Тошканд (1893) ба пажӯҳиши забонҳо ва адабиёти мардуми Осиёи Марказӣ машғул гардид. Аввалини мақолаҳояш зери унвонҳои «Маконе дар водии Ангрен» (1893). «Бозмондаҳои оинҳои парастишӣ дар миёни мардуми маҳаллӣ» (1895) ба чоп расидаанд. А. с. 1894 устоди семинарияи муаллимони ш. Тошканд буд. Пас аз он муддате чанд дар Кавказ ба сифати тарҷумон ва котиб ифои вазифа кардааст. Баъд аз муддате ба Санкт-Петербург меояд. Дар он ҷо бо шарқшиносони машҳури он замон С. Ф. Олденбург, В. В. Радолв, К. Г. Залеман ошно мегардад ва бо онҳо ҳамкорӣ мекунад. Ӯ с-ҳои 80 а. 19 дар кори майдонии омӯзиши ғорҳои буддоӣ буд ва аз Сибир ба Муғулистон, Урумчӣ, Турфон, Лучкун ва минтақаҳои дигар меравад. Дар ҳамин сафар дар Урумчӣ луғати мухтасари забони кандҷутро таҳия менамояд. Дар авв. а. 20 ӯ ба супориши К. Г. Залеман ба гирдоварии лаҳҷа ва расму оинҳои тоҷикони кӯҳистон, ба хусус Помир, машғул мешавад. А. аз с. 1925 яке аз муассисон ва фаъолони созмони «Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронии берун аз он» буд. Ин созмон рӯзгори моддӣ ва маънавии тоҷикон ва қавмҳои дигари эронии минтақаро ба таври густурда мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дод. Баъдтар китобе зери унвони «Тоҷикистон» (1925) ба нашр расид, ки дар он мақолаи А. бо номи «Оид ба этнографияи тоҷикон. Баъзе иттилоот» нашр шудааст.

Солҳои ҶБВ (1941 – 45) А. дар Тошканд умр ба сар бурда, осори меъмории мардумиро гирд оварда. Аз с. 1943 А. ба гирдоварии мавод оид ба забон ва мардумшиносии минтақаҳои назди Помир, бахусус водии Хуф машғул шуд. Аз с. 1947 ба Сталинобод (Душанбе) омада, дар филиали тоҷикистонии Ин-ти таърих, забон ва адабиёти АИ СССР ба кор шурӯъ кард. Мардумшиносони машҳури тоҷик Н. *Нурҷонов* ва М. *Раҳимов* аз шогирдони ӯ мебошанд.

А. бештар аз 50 китобу мақолаҳои илмӣ таълифу нашр намуда, чандин дастнависҳои арзишмандаш дар бойгониҳо маҳфузанд. Дар байни осори боқигузоштаи А. «Материалҳо доир ба этнографияи қабилаҳои эронии Осиёи Миёна, Ишкошим ва Вахон», «Забони язгуломӣ», «Оид ба муносибатҳои оилавии тоҷикони қадим», монографияи дуҷилдаи «Тоҷикони водии Хуф» арзиши ниҳоят бузурги илмӣ доранд. Ҷилди аввали «Тоҷикони водии Хуф» с. 1953 ва ҷилди дуюмаш с. 1958 бо шарҳу эзоҳи А. К. Писарчик чоп шудааст.

А. бештари умри худро бо омӯзиши фарҳанги мардуми эронитабори минтақаи Осиёи Миёна, ба хусус Тоҷикистон, пайваст. Ӯ дар раванди фаъолияти корияи худ дар таълими забон, созмон додани музейҳо, пажӯҳишгоҳҳо ҳиссаи арзанда гузошт. Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони фахрӣ», медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941 – 1945» қадр карда шудааст.

Ад.: Писарчик А. К., Михаил Степанович Андреев (1873 – 1948), Сталинобод, 1960; Акрамова Х. Ф., Акрамов Н. М., Востоковед Михаил Степанович Андреев. (Научно – биографический очерк), Д., 1973. Памяти Михаила Степановича Андреева. Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии, Сталинабад, 1960; Акрамов Н. М., Акрамова Х. Ф., М. С. Андреев – тадқиқотчии таърихи тоҷикони кӯҳистон, Д., 1977;

Р. Раҳмонӣ.

А́НДРИЧ Иво (0. 10. 1892, Травник, Босния – 1975, ҳамон ҷо), нависандаи Сербия Аз оилаи ҳунарманд. Гимназияро дар ш. Сараево хатм намуд. Барои иштирок дар ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ аз ҷониби ҳукуматдорони Австро-Венгрия ба ҳабс гирифта шуд (1914). Баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар донишгоҳҳои Загреб ва Вена илми филологияро омӯхт ва ба корҳои дипломатӣ машғул буд. Ба кори эҷодӣ аз с. 1911 шурӯъ кард. Аввалин китобаш бо номи «Ex ponto» с. 1918 нашр шуд. А. давомдиҳандаи анъанаҳои вуқӯъгӯии адабиёти Сербия мебошад; дар новелаҳои с-ҳои 20 – 30 а. 20 эҷоднамудааш олами ботинии инсони дар натиҷаи нобаробариҳои иҷтимоӣ ба зулму тааддӣ дучоромадаро тасвир намудааст. А. дар аксар асарҳояш ба таърихи гузаштаи Босния таваҷҷӯҳ кардааст. Беҳтарин романҳои таърихии А. «Пули Дрина», «Воқеаномаи Травниска», «Хонум» (ҳар се с. 1945) мебошанд. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъд аз он ҳам А. ба масъалаҳои иҷтимоӣ дахл кардааст. Ба ин масъалаҳо ӯ на



танҳо дар асарҳои таърихӣ (повестҳои «Ҳикоят дар бораи фили вазир», 1959; «Ҳавлии манҳус», 1954), инчунин дар осори ба мавзӯи муосири давр бахшидашуда (повестҳо дар бораи ҳаракати партизанӣ – «Зеко», «Дарҳои пӯшида», ҳарду 1950) рӯй овардааст. Дар осори А, муҳокимаронихои фалсафӣ ва тасвироти авзои рӯҳии қаҳрамонон хеле зиёданд. Ба қалами А. инчунин асарҳои танқидӣ-бадеӣ (дар бораи П. Негоше, В. Караджич, рассом Ф. Гойя ва дигарон) тааллуқ доранд. А. – дорандаи Мукофоти Нобел (1961).


Ос.: Мост на Дрине, М., 1956; Повести и рассказы, М., 1967.

АНДРОГЕНЕ́З (аз юн. andros – мард ва genesis – пайдоиш, инкишоф), як шакли афзоиши организмҳо, ки ҳангоми он дар инкишофи ҷанин фақат ядрои нарина (ба тухм тавассути нутфа омадааст) иштирок мекунад. А.-ро дар баъзе намуди ҳайвонот (мас., саворакҳо, габробракон) ва растанӣ (ҷуворимакка, тамоку) дар ҳолатҳое, ки ядрои тухм то бордоршавӣ нобуд мегардад, мушоҳида кардан мумкин аст. Яке аз шаклҳои А. мерогония (аз юн. meros – қисм ва gonos – насл) мебошад. Мерогония инкишофи порчаи тухми бордоршудаест, ки ядрои модина надорад. А.-ро бо роҳи сунъӣ (дар натиҷаи гирифта партофтан ё бо моддаҳои химиявӣ бечон кардани ядрои модина) низ ба даст меоваранд. А. ҳангоми тадқиқи мақоми ядро дар ирсият, омӯхтани таъсири мутақобилаи ядрою ситоплазма барои ба вуҷуд овардани организмҳои гомозиготӣ (организмҳое, ки дар маҷмӯи ирсии онҳо хромосомаҳои гомологӣ шакли якхелаи ин ё он генро доранд) ва ҳайвоноти ҳамҷинс истифода мешавад.

АНДРОЛО́ГИЯ, як соҳаи илми тиб, ки фаъолияти ҷинсии мардҳоро аз нигоҳи физиологӣ ва патологӣ меомӯзад. Бино ба муқаррароти Созмони байналмилалии тандурустӣ вазифаи А. тадқиқи солимии наслварии мардҳо мебошад. А. дар чор самт инкишоф меёбад: якум – омӯзиши ноҷӯриҳои ҷинсӣ, ки ба бемориҳои узвҳои таносул вобастаанд; дуюм – тадқиқи ноҷӯриҳои ҷинсие, ки ба бемориҳои узвҳои дигар алоқаманд мебошанд; сеюм – омӯзиши нуқси инкишофи ҷинсӣ, ки дар мавриди он фарқият байни нишонаҳои мард ва зан барҳам мехӯрад; чаҳорум – тадқиқи масъалаҳои танзими оила ва безурётии мардҳо. А. ба масъалаҳои бенаслӣ, гипогонадизм (нуқси таршшӯҳи ғадудҳои усораи дохилӣ), безурётии мард, костагии нууз (эрексия), таназзули физиологии фаъолияти ҷинсии мард ва ғ. эътибори ҷиддӣ медиҳад. А. ҳамчун тахассуси алоҳидаи тиббӣ фақат дар чанд давлат (Франсия, Италия) вуҷуд дорад, вале дар ин мамлакатҳо низ онро як бахши эндокринология меҳисобанд. Ихтисоси «андролог» бошад, дар Миср ва Индонезия мавҷуд аст. А. тамоми бемориҳои аъзои таносули мардро дар ҳама синну сол дар бар мегирад (амрози илтиҳобӣ, осебҳои гуногуни узвҳои ҷинсӣ, омосҳо, сусткамарӣ ва ғ.). Дар инкишофи А. дастовардҳои биологияи умумӣ, биологияи молекулавӣ, эмбриология, физиологияи эътидолӣ ва эътилолӣ, эндокринология ва ғ. хеле муҳим мебошанд. Истифодаи усулҳои биология ва генетикаи молекулавӣ дар тадқиқи бенаслии мардҳо ва гипогонадизм, тазриқи дохилиҳуҷайравии нутфа, корбасти доруҳои босамар ҳангоми сусткамарӣ ва ғ. дар пешрафти А. саҳми назаррас гузоштанд. А. дар баъзе мавридҳо ба амалиёти ҷарроҳӣ низ рӯ меоварад.

Дар Тоҷикистон аввалин шӯъбаи андрологӣ (барои 20 кат) с. 1995 дар заминаи клиникии кафедраи урологияи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино бо ташаббуси проф. Т. Р. Қодирӣ ташкил шуда буд. Соли 2008 чунин шӯъба дар Беморхонаи клиникии вилоятии Суғд (барои 30 кат) низ таъсис ёфт. Шӯъбаи андрологӣ дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии «Урология» низ фаъолият дорад. *Т. Қодирӣ.*

АНДРОМЕ́ДА (ар. Мусалсала («Зани занҷирӣ»), лот. Andromeda), бурҷи Нимкураи Шимолии осмон. Масоҳ. 722 градуси квадратӣ, зиёда аз 100 ситора дорад, ҳанӯз ба каталоги ситорагони «Алмаҷастӣ»-и Батлимуси Қализӣ (Клавдий Птоломей, 87 – 165) дохил карда шуда буд. Тибқи



Бурҷи А. дар атласи муосири бурҷҳо.



Тасвири бурҷи А. дар дастхатҳои шарқӣ.

асотири юнонӣ А. духтари подшоҳи Ҳабашистон Кефей ва малика *Кассиопея* (Зотулкурсӣ) буд. Падараш А.-ро барои махлуқи обие, ки мамлакатро хароб мекард, ба қурбонӣ бурд, вале *Персей* (Ҳомили Расъул-ғул) наҷоташ дод. Пас аз вафот А. ба бурҷи осмонӣ мубаддал шуд. Дар «*Қонуни Масъудӣ*»-и Берунӣ ба номи «Андарумида» ва дар «Зиҷи Маликшоҳӣ»-и Умари Хайём бо номи «Мусалсала» омадааст. А. се ситораи равшани қадри дуюм – Ал-фарас (Алферас, Сиррах), Мирақ (Мирах, Мизар) ва Ал-маак (Аламак) дорад, ки аз онҳо Аламак ситораи дуқӯша аст. Дар А. галактикаи спиралшакли *Туманоти Андромеда* (M31) бо ду радифи худ – галактикаҳои хурди M32 ва NGC 205 (M110) воқеанд. Дар шаби бемаҳтоб галактикаи спиралшаклро дар масофаи кунҷии зиёда аз 1° ғарбии ситораи n-и А. бе асбоб дидан мумкин аст. Ин галактикаро ҳанӯз дар с. 964 мунаҷҷими форсу точик *Абдурраҳмони Суфӣ* мушоҳида карда, дар асари маъруфи худ «Китоб сувар ул-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситорагони собита») «абри хурд» номида буд. Олимони Европа онро танҳо дар а. 17 мушоҳида карданд. Тавсифи А. аз тарафи Симон Мариус, ҳамзамону ҳамкасби Галилео *Галилей* амалӣ гардида буд. Донишманди дигари европоӣ – Ҷованни Батиста Одерна (1597 – 1660) ин туманотро с. 1653 кашф кард. Ин галактикаи спиралшакли наздиктарин ба Замин буда, дар масофаи 2,2 млрд с. р. воқеъ шудааст, қутраш 220 ҳазор с. р. ва қариб 300 млрд ситора дорад. Беҳтарин фасли мушоҳидаи А. тирамоҳ (сент., окт.) аст. *М. Холов.*

АНДРОМЕДИ́ҲО, сели метеорӣ (шиҳобҳо), ки *радианти* он дар бурҷи *Андромеда* воқеъ аст. Бо таҷзияи ко-

метаи Биэла алоқаманд мебошад. Бори нахуст с. 1872 мушоҳида шудааст. Дар натиҷаи ба мадори А. таъсир расондани сайёраи Муштарӣ ин сел дар а. 20 камметеор шудааст.

АНДРО́ПОВ Юрий Владимирович (15. 6. 1914, стансияи Нагутскаяи кишвари Ставропол – 9. 2. 1984, Москва),



ходими давлатӣ ва сиёсӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1974). Генерали армия (1976). Аз оилаи хизматчии р. о. Омӯзишгоҳи нақлиёти обии Рибинск (1936) ва фак-ти таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Карелияро (1951) хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз с. 1930 оғоз гардидааст. Аввал коргар ва сипас корманди ташкилоти комсомол, с-ҳои 1938 – 40 котиби якуми комитети вилоятии ВЛКСМ, 1940 – 44 котиби якуми ЛКСМ РАСС Карелия ва дар с-ҳои ҶБВ ташкилотчии ҳаракати партизанӣ дар РАСС Карелия буд. Аз с. 1944 дар дастгоҳи Ҳизби коммунистӣ фаъолият намудааст. Солҳои 1947 – 54 котиби 2-юми КМ ПК (б) РАСС Карелия, 1954 – 57 сафири СССР дар Венгрия. Аз апр. 1957 мудири шӯъбаи робитаҳои КМ Ҳизби коммунистии мамлакатҳои сотсиалистӣ. Солҳои 1962 – 67 котиби КМ КПСС. Аз майи 1967 то майи с. 1982 раиси Комитети бехатарии давлатии Иттифоқи Советӣ буд. Аз июни с. 1967 номзад ба узвият ва аз апр. 1973 узви Бюрои сиёсии КМ КПСС. Яке аз ташаббускорони ба Афғонистон ворид кардани аскарони Иттифоқи Советӣ (1979). Аз моҳи майи 1982 котиби КМ КПСС. Баъди фавти Л. И. Брежнев аз 12. 11. 1982 Котиби Генералии КМ КПСС ва ҳамзамон аз 16 июни 1983 раиси Президиуми Совети Олии СССР. А. депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 3 ва 6 – 9). Бо 3 ордени Ленин, 4 ордени дигар ва медалҳо сарфароз гардидааст.

Ос.: Избранные речи и статьи, М., 1983; Учение Карла Маркса и некоторые вопросы социалистического строительства СССР, М., 1983.

Ад.: Медведев Р., Генсек с Лубянки: Политическая биография Ю. В. Андропова, М., 1993.

Б. Раҳматов.

АНДУ́ДАИ ГАЛВАНӢ, қабати металлиест, ки аз ҳиссаҳои мкм то ба ҳиссаҳои даҳии мм ғафсӣ дорад. Онро бо роҳи таҳшини электролитӣ ба сатҳи маснуоти металлӣ рӯкаш мекунанд. А. г. асосан бо мақсади зиёд намудани устувории маснуот бар зидди коррозия, инчунин бардавомии мӯҳлати истифода ва зеби маснуот ба кор бурда мешавад. Мас., маснуоти пӯлодӣ бо руҳ, қалъагӣ, никел, мис ва хром; асбобҳои дақиқи электрикӣ ва тиббӣ бо нуқра, тилло, платина, палладий ва радий андуда мешаванд. Баъди А. г. сатҳи маснуот хосиятҳои махсуси физикавӣ ва химиявӣ пайдо мекунад.

АНДУДА́ҲО, қабати ба рӯи мавод рӯкашшаванда барои беҳтар намудани хосиятҳои сатҳи он (намуди зоҳирӣ, адгезия, таршавӣ, қобилияти гузарондани ҷараёни электрикӣ, тобоварӣ нисбати зангзанӣ, фарсудашавӣ, ҳарорат ва ғ.). А. дар ҳолати сахт, моеъ ва газмонанд рӯкаш карда мешаванд. А. намуди зоҳирии маснуотро беҳтар намуда, металлҳоро аз зангзанию фарсудашавӣ эмин медоранд ва мӯҳлати истифодаи онҳоро дароз мекунанд. Маснуот бо плёнкаҳои тунук, металлҳо (хром, алюминий, руҳ, фосфат, галваника (ниг. *Андудаи галванӣ*) ва ғ.), рангубор (олиф, лок, ранг, эмал, лаълоб), хокаҳо ва полимерҳо (тефлон) андуда мешаванд.

АНЕ́ КЛО́Д (1868, Морж, Швейтсария – 1931, Париж), нависанда, рӯзноманигор ва тарҷумони франсавӣ. Солҳои 20 а. 20 оид ба воқеаҳои дар Россия рӯйдода (Инқилоби Октябри с. 1917) очеркҳову романҳо навиштааст. Асарҳои дар мавзӯъҳои Шарқ (Эрон) эҷодкардааш – «Савтҳои форсӣ», «Тафаккури форсӣ» (1924), «Соҳили Осиё» (1927) ва ғ-ро хонандагон хуш пазируфта буданд. А. муҳаққиқ ва мутарҷими осори Умари Хайём мебошад. Соли 1920 дар Париж 144 рубоии Умари Хайём дар тарҷумаи А. К. ва Мирзо Муҳаммад ном донишманди эронӣ ба забони франсавӣ ба табъ расид. Рубоиҳо ба тарзи шеъри озод тарҷума шудаанд.

Ш. Мухтор.

АНЕВРИ́ЗМА (аз юн. aneurysma – васеъ шудан), васеъ шудани рагҳои хун ё ҷавфи дил, ки дар натиҷаи ёзидан ва дамидани деворaҳои он ба вуҷуд меояд. А.-ро чун оризаи *сактаи дил, атеросклероз, сифилис* ва дигар бемориҳо, ҳамчунин натиҷаи захм (А.-и захмӣ) медонанд. Нукси модарзоди девораи раг низ метавонад боиси пайдоиши А. (бештар дар рагҳои майна) гардад. Вобаста ба мавзеъ А. шараёнӣ, варидӣ, шараёнию варидӣ мешавад. Намудҳои дукшакл ва халташакли А. бештар вомехӯранд. А.-и шоҳраг бештар дар мардоне мушоҳида мешавад, ки гирифтори атеросклерозанд. А.-и дил оқибати нохуши сактаи қалб буда, одатан, дар девораи меъдачаи чап ба вуҷуд меояд. Зуҳуроти А. ба мавқеъ, андоза ва дигар омилҳои марбути он вобаста аст. Беморӣ басе дуру дароз ва ноаён (беаломат) мегузарад. А. боиси ихтилоли хунгирии бофтаҳо мешавад. Ҳангоми А. бисёр вақт фаъолияти дил халал меёбад; ҳар қадар А. ба мушаки дил наздик ҷойгир шуда бошад, ихтилоли кори дил ҳамон қадар барвақт ба вуқӯъ мепайвандад. Кафидани А. ва хунравии ҳалокатбор аз имкон берун нест. Беморони гирифтори А. ба муолиҷаи духтур ва назорати махсус эҳтиёҷ доранд.

АНЕМИ́Я,ниг. *Камхунӣ.*

АНЕМО́МЕТР (аз юн. anemos – бод ва metreo – чен мекунам), асбобест барои чен кардани суръати бод. А. аз фирфираки палладори (ё паррадор) дар тир насбшуда иборат аст, ки он бо механизми ченкунанда пайваст мебошад. Ҳангоми вазидани бод паллаҳо ба ҳаракат даромада, гирди тир давр мезананд. Вобаста ба сохтору тарзи кор намудҳои гуногуни А. мавҷуданд. Дар А.-и дастӣ авв. шумораи чархзании паллаҳоро дар воҳиди вақти муайян ҳисоб карда (мутаносиби масофаи муайян), сипас суръати миёнаи бодро меёбанд ва дар охир масофаро ба вақт тақсим мекунанд. Дар А.-и индуксионӣ паллаҳо бо тахометри индуксионии электрикӣ пайвастанд, ки суръати бодро бе ҳисобкунии иловагӣ ҳамон замон нишон медиҳад ва имконияти мушоҳида намудани тағйирёбии суръати бодро дорад. Барои фаврӣ муайян намудани суръати бод аз А.-и ҷайбӣ истифода мекунанд. Намуди содатарини А. – А.-и палла-



Анемометри ҷайбӣ.

дор мебошад, ки аз чор паллаи шаклашон нимдоира иборат аст. Онро с. 1846 Ҷ. Ромни дар расадхонаи Арма (Ирландияи Шимолӣ) сохтааст. А.-и паррадор ба боднамо монандӣ дорад. Бо иваз шудани самти бод тир ба ҳамон самт давр мезанад. А.-и ҳароратӣ фарқи ҳароратҳоро дар «қабати ёридиҳанда» ҳисоб мекунад. Ин бузургӣ ба зичии сели ҳароратӣ мутаносиб аст. Фарқи ҳароратҳо ба воситаи пайванди тасмашакле, ки дар дохили «қабати ёридиҳанда» ҷойгир аст, чен карда мешавад.

М. Холов.

АНЕМОФИЛИ́Я (аз юн. anemos – шамол ва phileo – дӯст медорам), ба воситаи шамол дутарафа гардолуд шудани гули растаниҳо. Қариб аз даҳ як қисми растаниҳои пӯшидатухм (хӯшаиҳо, ғешаиҳо, бангдона, розак, тӯс, булут, сафедор, чормағз, роздор ва ғ.) ба воситаи шамол гардолуд мешаванд. Гули чунин растаниҳо, одатан, хурди бенур буда, сохти махсус дорад. Мас., торҳои гардбаргаи *газна,* ки дар дохили ғунча печутоб хӯрдаанд, ҳангоми шукуфтани гул якбора бошиддат рост мешаванду гардро аз гарддонҳои кафида пош медиҳанд; гарддони хӯшаиҳо, бангдона ва ғ. дар гардбаргҳои даровзе ҷойгиранд, ки алвонҷ хӯрда меистанд; хӯшагули наринаи тӯс, финдиқ, сиёҳбед мисли гӯшвора мебошад. Гарди ин гуна растаниҳо хушк ва ниҳоят бисёр аст (мас., тӯғи наринаи ҷуворимакка қариб 50 млн гард дорад). Растаниҳои анемофил, одатан, зич сабзида, навбаҳорон пеш аз барг баровардан гул мекунанд (баъзан якбора барг бароварда гул карданашон ҳам мумкин). Ин имкон медиҳад, ки гарддон гардро дошта гирад. Гард бо шамол метавонад ба масофаи зиёда аз 60 км паҳн гардад.

АНЕМОХО́РИЯ (аз юн. anemos – шамол ва choreo – ҳаракат мекунам), ба воситаи шамол паҳн шудани спора, тухм ва меваи растаниҳо. Тухму меваҳое, ки ба воситаи шамол паҳн мегарданд, ҳаҷман хурд мебошанд (мас., сӯҳлабиҳо, шумгиёҳ, аксар халанҷиҳо) ё мӯяк (мас., бед, сафедор, аксар растаниҳои мураккабгул), қанотак (мас., сада, тӯс, санавбар, шилха, коҷ ва ғ.), сӯк (мас., ковил), ҳавопарда ва ғ. доранд. Чунин тухму меваҳоро шамол то 40 км паҳн карданаш мумкин аст. Ушна, гулсанг, аксар занбӯруғҳо, сарахс, бактерияҳо плаунаҳо ва ғ. низ, ки спораҳои онҳо ба тавассути бод паҳн мешаванд ба анемохорҳо мансуб мебошанд.



Барометр –анероид.

АНЕРО́ИД (аз *а* ва юн. neros – об, яъне бе моеъ коркунанда), барометр–анероид, асбобест барои чен кардани фишори атмосферӣ. Қисми ҳассоси А. қуттии устувонашакли металлиест, ки аз дохилаш ҳаво хориҷ карда шудааст. Ҳангоми зиёд шудани фишори атмосферӣ қуттӣ фишурда шуда, пружинаи ба он насбшударо мекашад; ҳангоми кам шудани фишор қуттӣ дамида, пружинаро тела медиҳад. Ҷойивазкунии канори пружина ба воситаи фишангҳо ба ақрабак таъсир мерасонад ва он дар рӯи ҷадвали асбоб фишори атмосферириро нишон медиҳад. Ба ҷадвали А. инчунин ҳароратсанҷи камоншаклро насб кардан мумкин аст, ки он барои ворид кардани тағйироту иловаҳо ба нишондодҳо нисбати ҳарорат зарур мебошад. Барои муайян намудани нишондодҳои ҳақиқии фишор, нишондодҳои А. ба тағйироту иловаҳо ниёз доранд, ки ин мақсад бо муқоисаи нишондодҳои барометри симобӣ амалӣ мегардад. Хатогии ченкунии А. 1 – 2 мбар аст. А. андозаи начандон калон дошта, дар сафарҳо ва ҳаёти ҳаррӯза васеъ истифода мешавад. А.-ро инчунин барои чен кардани баландӣ истифода мебаранд. Дар ин ҳолат ҷадвали А.-ро ба метрҳо тақсим мекунанд. Барометр-анероид яке аз асбобҳои асосии пешгӯйӣ кардани обу ҳавои рӯзҳои наздик мебошад, чунки тағйироти он аз фишори атмосферӣ вобаста аст. *М. Холов.*

АНЕСТЕЗИОЛО́ГИЯ (аз юн. anaisthesia – беҳиссӣ, карахтӣ ва ...*логия*), як фасли тибби амалист, ки масъалаҳои рафъи дард ва идора кардани фаъолияти ҳаётан муҳими организм (нафаскашӣ, гардиши хун, мубодилаи моддаҳо ва ғ.)-ро таҳия месозад. Баъзе усулҳои одии А. аз замонҳои қадим маълуманд, мас., табибони халқӣ бо мақсади беҳис гардондан аз маводи мухаддир, шароб, тарёк ва ғ. истифода мебурданд. Усулҳои асосии рафъи дард, наркоз ва карахтсозии ҷузъӣ а. 19 кашф шуда, минбаъд тараққӣ ва такмил ёфтанд. А. чун илм аз с-ҳои 50 а. 20 ба вуҷуд омадааст. Дар ин муддат усулҳои нави рафъи дард кашф шуданд, асбобу олоти наркоздиҳӣ таҳия гаштанд, ки фаъолияти ҳаётан муҳими организмро назорат карда, ихтилоли онҳоро саривақт пешгирӣ менамоянд; доруҳои нав ҳосил карда шуданд. Ҳамаи ин боиси костани хавфи амалиёти ҷарроҳӣ гашта, баҳри ҷарроҳии дарозмуддати дил, шуш ва дигар узвҳо заминаи мусоид фароҳам оварданд. А. пайваста бо дастовардҳои физиология, фармакология, биохимия ва техника ривоҷ меёбад. Он ба ҷарроҳон имкон медиҳад, ки мураккабтарин амалиёти ҷарроҳиро бомуваффақият ичро кунанд.

Дар Тоҷикистон А. солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. Сараввал ба масоили илмӣ ва амалии А. ҷарроҳон машғул мешуданд. Минбаъд дар ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино тарбияи анестезиологҳо ба роҳ монда шуд. Дар аксар беморхонаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ шӯъбаҳои анестезиологӣ ташкил ёфта, бо таҷҳизоти замонавӣ ва мутахассисон таъмин карда шуданд. Олимони ҷумҳурӣ дар ҳалли усулҳои А.-и кӯдакон ва муболиза бо танқисии нафаскашӣ тадқиқоти амиқ гузарондаанд. Онҳо дар шароити баландкӯҳҳо тариқи ба кор бурдани карахтсозӣ ва ҷараёни онро омӯхта, дафъатан А.-и баландкӯҳиро ривоҷ доданд. Саҳми анестезиологҳои тоҷик хоса дар бобати омӯзиши таъсири беҳиссозӣ ва амалиёти ҷарроҳӣ ба фаъолияти ҳаётан муҳими организми кӯдак ва саривақт ислоҳ кардани он, ба синну соли кӯдакон мувофиқ кардани доруҳои беҳиссозандаи этанол, циклопропан, фторотан ва хлороформ, дарёфти аналгезияи бардавоми пас аз ҷарроҳӣ, омодагии пеш аз ҷарроҳӣ ва ҳифзи анестезиологии кӯдакони гирифтори нуқси рӯдаи ғафс ва ғ. назаррас мебошад.

Ад.: Боровкова Т. Ф., Гугушвили К. А., Анестезия в экстренной хирургии, М., 1997; Руководство по анестезиологии, М., 1997; Бутров А. В., Купирование опийного абстинентного синдрома антагонистами опиатов под общей анестезией, М., 2000. *А. Азизов.*

АНЖУ́, Ҷазираҳои Анжу, номи ҷазираҳои марказӣ ва нисба-

тан бузургтари галаҷаз-ҳои Новосибир дар баҳрҳои Лаптевҳо ва Сибири Шарқӣ. Аз ҷаз-ҳои Котелний, Фадеевский, Новая Сибир ва Белковский иборатанд. Масоҳ. умумиашон тақр. 29 ҳазор км^2. Дар релйефи А. ҳамвориҳои пасти аккумулятивӣ бештар ба назар мерасанд. Ландшафташ – тундраи арктикӣ. Ҷаз-ҳои А.-ро тадқиқотчии Арктика адмирал П. Ф. Анжу (1796 – 1869) ҳангоми таҳқиқи соҳилҳои шим. Сибир (1821 – 23) тавсиф карда, харитаи онҳоро тартиб додааст. Ҷаз-ҳо ва соҳилҳои байни саргаҳи д-ҳои Оленёк ва Индигирка мавсум ба номи ҳамин олиманд.

АНЗО́Б, ағба дар қ-кӯҳи Ҳисор. Баландиаш аз с. б. 3372 м. То ба истифода додани нақби «Истиқлол» аз ағба роҳи ягонаи мошингарди Душанбе – Хуҷанд, Душанбе – Айнӣ – Панҷакент – Самарқанд мегузашт, ки аз охирҳои май то аввалҳои ноябр фаъолият дошт. Ҳоло ин роҳ аз нақби «Истиқлол», ки дар А. канда шудааст, мегузарад. Дар ағба аз с. 1932 инҷониб истгоҳи обу ҳавосанҷии «Анзоб» кор мекунад. Аз ағбаи А. ҳати интиқоли барқи 500-киловолтаи «Ҷануб – Шимол» мегузарад.

АНЗОБ, чашмаи обаш сарди минералӣ, дар ағбаи Анзоб, дар баландии 3179 м аз с. б. воқеъ аст. Масрафаш (дебиташ) 0,5 л/с, минералнокиаш 1,3 г/л. Оби А. дар таркиби худ гидрокарбонати калсий, магнию натрий дорад. Истифодаи саноатиаш ҳоло ба роҳ монда нашудааст.

АНЗО́Б, деҳа дар ҷамоати деҳоти Анзоби ноҳ. Айнӣ. Аз А. то маркази ноҳия 63 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1608 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, клуб ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д. Яғноб обёрӣ мешаванд.

АНЗО́Б, навъе аз ангурҳои миёнапазаки мавизбоби маҳаллӣ. Ходимони Ин-ти тадқиқоти илмии зироат Савченко А. Д. ва Кирилов И. Ф. дар натиҷаи пайванд кардани навъҳои ангури Катақӯрғонӣ ва Мускати искандарӣ ба навъи Султонӣ (Ҷавзи сафед) офаридаанд. А. ба шароити иқлими ноҳияҳои водии Ҳисор ва Вахш мутобиқ гардонда шудааст. Токаш сернавдаву барг; навдаҳои наврустааш сафедча, навдаҳои яксолааш сафеди зардча буда, буғумҳояш тобиши дорчинӣ доранд. Баргаш калон, гирдаи 5-парра, тӯр-тӯр, канорҳояш қатшуда. Гулаш дуҷинса. Хӯшааш калон (вазнаш 836 г), махрутшакл, зичиаш миёна. Ғужбаш калон (вазни миёнааш 6,5 – 7 г), байзашакл, зарди сабзтоб (тарафи офтобрасаш доғҳои дорчинӣ дорад), сергӯшту сероб ва ширин; 2 – 4 дона тухми миёнаҳаҷми секирра (рангаш дорчинӣ) дорад. Ғужмаш сахт, ғафсиаш миёна. Дар таркиби меваи пухтааш 16,5 – 18,6% қанд ва 3,5 – 5,2 г/л ҷавҳар мавҷуд аст. Токаш ба сармо тоб надорад. Қаламчаҳои А.-ро аз рӯи тартиби 3 Х 2 – 2,5 м мешинонанд. Тақр. 70 фоизи навдаҳояш самаровар аст. Ҳангоми токбурӣ 8 – 12 чашмак монда, навдаҳои зиёдатиашро бурида мепартоянд. Ба ҳисоби миёна дар ҳар бехи ток 100 – 120 чашмак мегузоранд. Даври нашваш 140 – 150 рӯз (барои нашъунамои хуби он маҷмӯи ҳарор. фаъол бояд 3100 – 3300°С бошад). Дар шароити водии Ҳисор ох. май гул карда, ох. июл (то сент.) мепазад. Дар заминҳои обӣ аз ҳар га андаряк 263 сентнер ҳосил мегиранд. Дар заминҳои лалмии таҷрибавии хоҷагии боғу токдории «Чормағзак»-и ш. Ваҳдат (дар баландии 1250 м аз с. б.) ба ҳисоби миёна аз ҳар га 90 сентнер ҳосил рӯёндаанд. А.-ро тар мехӯранд, мавиз мекунанд (аз ҳаҷми тараш 21% мавизи офтобӣ ҳосил мешавад) ва аз он мураббо мепазанд. Парвариши А. дар Осиёи Марказӣ пешомади калон дорад. Аз касалиҳои қарасон, ҷел ва баргпечаки хӯшаи ток чандон зарар намебинад.

Ад.: Ампелография СССР. Отечественные сорта винограда, М., 1984; Энциклопедия виноградарства, Кишинёв, 1986.

А. Савченко, Ҳ. Маҳмадқулов.

АНЗУ́Р, пиёзи анзур, ансал, ансур, пиёзи кӯҳӣ (Allium giganteum, A. stipitatum, A. suworowii), номи умумии чанд навъ пиёзи худрӯй. Дар кӯҳҳои Тоҷикистони Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ мерӯяд. Як гулпоя ва 4 – 6 барги сабзи кабудтоб (дарозиаш 30 – 50 см, бараш 5 – 20 мм) дорад. Гулпояш дукшакл, то 80 см қад мекашад. Хӯшагулаш (дар интиҳои гулпоя ҷойгир аст) курашакл буда, аз поён бо пардаи тунук пӯшида шудааст. Гулаш назаррабо, бунафш, гулобиранг. Апр. – май гул карда, май – июн мева мебандад; ғӯзааш 6-тухма. А. баҳорон аз пиёзак месабзад. Пиёзакаш (2 – 3 см) қабат-қабат (5 – 6 см) пӯст ҳосил мекунад. Онро дар зимистон ҳам сармо намезанад. А., одатан, дар нишебиҳои кӯҳ, зардхок ва заминҳои регу сангрезадор мерӯяд. А.-и тару тоза (A. suworowii)-ро чорво мехӯрад. Барг ва пиёзаки А. сервитамин ва иштиҳоовар буда, таъми сирро



Пиёзи анзур.

дорад. Пиёзаки А.-ро баъди 5 – 7 соли сабзиш меғундоранд. Тоҷикон А.-ро аз қадимулайём тару тоза ё дар хӯрок истифода мекунанд. А. растании доруист. Пиёзи онро дар хамир ё латтаи тар печонда, дар қӯри оташ бипазанду бо шаш миқдори он намак ва каме равған даромехта, 8 г аз он ба дили наҳор бихӯранд, исҳол меорад, ба бемориҳои лисарғус (летаргия), саръ, молихулиё, дарди нимсара, чарх задани сар, сиёҳ задани чашм, паридани аъзо, нотавон гаштани узвҳо, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан), каҷ шудани рӯ, нисён (фаромӯшхотирӣ) шифо мебахшад; чашмро қавӣ ва тез мекунад; ба даруни гавҳарак фуромадани зардобро, ки чашмро нобино мегардонад, манъ месозад; дарди гӯш, зиқи нафас, сурфаи кӯҳна, дамкӯтаҳӣ ва дағалии узвҳои даруни синаро ба эътидол меоварад; меъда ва ҳалқумро қувват мебахшад; хун қай карданро манъ ва хӯрокро ҳазм мекунад; барои зардпарвин, истисқо, сахтии сипурз, дарди рӯдаҳо, дарди буғумҳо ва иркуннасо (радикулит) даво мебошад; санги хичакро майда карда мерезонад, захмҳои ботиниро шифо мебахшад, дарди асабҳоро таскин медиҳад, ба ҷойҳои танга-танга мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад. Бехи очорондаи А. хеле хуштаъм аст. Истеҳсоли саноатии А. («Пиёзи анзур») дар Тоҷикистон с. 1965 сар шуд. *С. Юнусов.*

А́НЗЮС (аз англ. ANZUS, шакли кӯтоҳшудаи Australia, New Zealand, United States), иттиҳоди (блок)-и ҳарбии се давлат: Австралия, Зеландияи Нав ва ШМА. Ҳамкории ҳарбии ШМА бо Австралия ва Зеландияи Нав дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) рушд намуда, бо оғози «Ҷанги сард» (1945 – 90) шакли созмонро гирифт. Аҳднома («Аҳдномаи бехатарии АНЗЮС», «Пакти бехатарии Уқёнуси Ором») 1 сент. 1952 дар Сан-

Франсиско имзо шуда, 29 апр. 1952 ба ҳукми қонун даромад. Мӯҳлаташ доимӣ буда, дертар созишномаҳои чудогона оид ба ҳамкории ҳарбӣ байни ин давлатҳо баста шуданд. Органи олии А. – Шӯро, ки аз вазирони корҳои хориҷӣ ё ҷонишинони онҳо иборат аст. Инчунин Комитети ҳарбӣ аз ҳисоби намояндагони олирутбаи ситодҳои ҳарбии аъзои иттиҳод таъсис дода шудааст. А. фармондеҳии олӣ, қувваҳои мусаллаҳи дастаҷамъӣ ва қароргоҳи доимии худро надорад. Забони расмии мақомоти корияи А. англисӣ аст. Иттиҳод бо ташаббуси ШМА бо мақсади «мутобиқати кӯшишҳо оид ба мудофиа» дар минтақаи Уқёнуси Ором созмон дода шуда, с. 1978 ба соҳаи фаъолияташ Уқёнуси Ҳинд низ ҳамроҳ карда шуд. Дар ибтидо фаъолияти А. бар зидди ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва минтақаи Уқёнуси Ором, инчунин ба муқобили СССР ва иттифоқчиёни вай дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ равона шуда буд. Аъзои А. дар ҷангҳои Корея (1950 – 53) ва Вйетнам (1955 – 75) иштирок намуда, ба корҳои Камбоҷа ва Лаос дахолат мекарданд. Пас аз таъсиси А. аъзои он дар созмони иттиҳоди ҳарбию сиёсии СЕАТО (1956 – 77) иштирок намуда, ба ҳайати он шомил шуданд. Соли 1987 ШМА созишномаи ҳамкории ҳарбиашро бо Зеландияи Нав қатъ намуд, лекин ҳамкорӣ байни дигар аъзо боқӣ монд. Аъзои А. с. 1991 дар ҳайати иттифоқи байналмилалии СММ дар ҷанги халиҷи Форс (ба муқобили Ироқ) ва амалиёти сулҳҷӯёна дар Тимори Шарқӣ (1999 – 2002) иштирок доштанд. Солҳои охир ШМА қувваҳои иттиҳодро бо мақсади мубориза зидди терроризми байналхалқӣ дар минтақа (дар ҳодисаҳои Афғонистон ва Ироқ) истифода мебарад. *М. Холов.*

АНӢ, арк дар Арманистон, арки асри миёнаи Арманистон. Дар соҳили рости д. Аҳурян (ҳудуди ҳоз. Туркия) воқеъ аст. А-ҳои 5 – 8 мулки князии Камсараканҳо ва баъдтар Багратиониён буд ва дар аҳди онҳо пойтахти подшоҳии Ани шуд (аз с. 961). А. а-ҳои 10 – 13 ба маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Арманистон табдил ёфт. Соли 1045 Византия, с. 1064 Салчуқиён А.-ро истило ва хароб намуданд. Ох. а. 12 ва авв. а. 13 А. барқарор карда шуд. Соли 1236 онро муғулҳо забт ва хароб намуданд. Дар а. 16 чун деҳа зикр мешавад. Соли 1878 ба Россия ҳамроҳ гардид ва баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ихтиёри Туркия гузашт. Харобаҳои А. гувоҳӣ медиҳанд, ки ин ҷо яке аз марказҳои намоёни санъати меъмории арман дар а-ҳои 10 – 14 будааст. Дар А. вайронаҳои қаср, меҳмонхона, маъбад, масҷид, ҳайкалҳо ёфт шуданд.

АНИЗОТРОПИ́Я (аз юн. anisos – нобаробар ва tropos – самт) дар ботаника, қобилияти мавқеъҳои гуногунро ишғол кардани узвҳои ҳамон як растанӣ, ки ҳангоми таъсири якхелаи омилҳои муҳити беруна рух медиҳад. Мас., дар вақти аз як тараф равшанӣ додан, нӯги навдаҳо ба ҳамон тараф хам мешаванд, баргҳо бошанд, ба самти рушноӣ ба таври амудӣ ҷой мегиранд.

АНӢКИН Николай Андреевич (тав. 1919, деҳаи Кривая Лукаи ноҳ. Шаткии вил. Рязан), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1943), сержанти калон. Солҳои 1936 – 39 дар трести бинокории Сталинобод дуредгар буд. Баъд дар з-ди чарм кор кард. Соли 1939 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд. Дар ҶБВ (1941 – 45) аз рӯзҳои аввал иштирок намуд. Ноябри 1941 аз ш. Вологда ҳамчун фармондеҳи қисми сапёрии баталиони 698-уми сапёрӣ ба ихтиёри фармондеҳии Армияи 27-уми Ҷабҳаи Калинин фиристода шуд. Окт. 1943 ёрдамчии командири взводи сапёрии полки 1318-уми дивизияи 163-юми тирандози Роменск таъйин шуд. 2 окт. дар мавзеи ҷаз. Жукови наздикии Киев ҳангоми убури д. Днепр қаҳрамонӣ нишон дод. Гурӯҳи А. зери тирборони душман қариб тамоми ҳайати полкро ба ҷазира гузаронд. А. дар рафти задухӯрд 17 гитлерчиро нобуд карда, 183 ҷанговарро аз ҷазира ба соҳили рости д. Днепр бурд. Дар чандин амалиёти ҷангии ҳудуди Германия иштирок намуд. Баъди баргаштан аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар сохтмонҳои граждании Москва кор кардааст. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Ҷангӣ, Ситораи Сурх, Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи 1) ва медалҳо сарфароз гардидааст.

Ад.: Сечкина Л. П., Фарзандони шарафманди Тоҷикистон, Д., 1968. *Б. Аҳмадов.*

АНИЛА́Т, $C_6H_{14}N_2O_4S$, як навъ моддаи химиявӣ, ки барои заҳролуд кардани тухмӣ истифода мешавад. Дар шакли ғурӯша истеҳсол мекунанд. А. 93 – 97% моддаи таъсирбахш дорад. А.-ро барои нест кардани сиёҳмуғ ва зангаи гандум дар давраи нашв ба гандумзор ба воситаи самолёт (ба ҳар га 4,65 – 9,30 кг) ва мошинҳои дорупошӣ (ба ҳар га 9,3 кг) мепошанд. Дар хок дар муддати як моҳ пурра таҷзия мешавад.

АНИЛИ́Н (аз ар. – нил), аминобензол, фениламин, $C_6H_5NH_2$, амини ароматӣ; моеи беранг, бӯи паст дорад; ҳарор. ҷӯшиш – 184,4°С, ҳарор. гудозиш – 6,15°С, зичиаш дар 20°С 1027 кг/м³. А. дар об, спирт, эфир, бензол ҳал мешавад. Бо металлҳо (K, Na, Ca, Mg ва ғ.) ҳосилаҳои металлӣ (мас., C_6H_5NHNa), бо кислотаҳои минералӣ намак (мас., намаки хлорид $C_6H_5NH_3Cl$), бо кислотаҳои органикӣ, хлорангидрид ва ангидриди онҳо анилидҳо (мас., бо кислотаи атсетат – атсетанилид) ҳосил мекунад:

$$C_6H_5 - NH_2 + CH_3COOH \rightarrow$$
$$\rightarrow XC_6H_5NHCOCH_3 + H_2O$$

Атсетанилидро барои тайёр кардани n-нитроанилин, ки ашёи хоми истеҳсоли моддаҳои рангубор аст, истифода мебаранд. Дар натиҷаи бо хлориди метил, метанол ё эфири диметил метилонидани А. монометиламин ва диметиламин ҳосил мекунанд:

$$C_6H_5NH + (CH_3)_2O \rightarrow$$
$$\rightarrow C_6H_5N(CH_3) + H_2O$$

Онҳо барои тайёр кардани ранг ва моддаҳои тарканда истифода мешаванд. Аз А. дифениламин, циклогексиламин ва ҳосилаҳои дигари онро синтез кардан мумкин аст. А.-ро аввалин шуда олими рус Н. М. Зинин (1842) бо усули барқарор намудани нитробензол синтез кардааст. А.-ро дар саноат дар натиҷаи бо каҳлаи чӯян дар иштироки кислотаи хлорид барқарор намудани нитробензол ҳосил мекунанд:

$$4C_6H_5NO_2 + 9Fe + 4H_2O\ X\rightarrow$$
$$\rightarrow 4C_6H_5NH_2 + 3Fe_3O_4$$

Усулҳои дигари ҳосил кардани А. (мас., барқарор намудани нитробензол бо катализатори карбонати мис) низ мавҷуданд. А. моддаи заҳрнок аст. Онро дар истеҳсоли падиддоруи суратгирӣ, моддаҳои тарканда ва рангуборӣ, синтези органикӣ ва ғ. истифода мебаранд.

АНИМИ́ЗМ (лот. *animus* – ҷон, рӯҳ), маҷмӯи боварҳо ба вуҷуди ҷон, рӯҳ, арвоҳ ва намирандагии онҳост. Яке аз шаклҳои дини ибтидоӣ. А. дараҷаи нисбатан баланди парастиш ва мӯътақидоти одамони ибтидоӣ мебошад. Байни одамони ибтидоӣ, дар марҳилаҳои охири рушди ин ҷамъият эътиқодҳои анимистӣ ривоҷ пайдо мекунанд, яъне онҳо мӯътақид буданд, ки тамоми мавҷудот, чи мутаҳаррик, чи сокин, мурда ё зинда дорои ҷон ва равон ҳастанд, ки даруни он махфӣ ва мастур мебошанд. Хосса, онҳо бовар доштанд, ки афроди инсонӣ ҳар яке дорои рӯҳе ҳастанд, ки ҳангоми хоб ва рӯъё аз бадани ӯ муваққатан хориҷ

мешавад ва ниҳоят дар лаҳзаи вопасин, ҳангоми марг баданро ба таври қатъӣ раҳо мекунад. Онҳо арвоҳро дорои ақлу сурат ва эҳсосоту авотиф, соҳиби қувваи ирода ва касбу ният мешумориданд. Бовар доштанд, ки онҳоро мисли ашхоси зинда метавон идора кард ва роҳнамоӣ намуд ва агар онҳо ба хашму ғазаб оянд, метавонанд ниҳоят зиёновар гарданд, аз ин рӯ бояд ҳамвора ба ёди онҳо буд. Сабаби пайдоиши А.-ро олимон аксаран дар надонистани якчанд ҳодисаҳои равонии (психикӣ) инсон, мисли хоббинӣ, рӯъёъ, аз ҳуш рафтан ва марг медонанд. Аз нигоҳи фалсафаи мисолӣ ва динӣ А. ҳамон зуҳури фитрат ё ёдоварии сиришти фитрии ӯст. Дар воқеъ дарки вуҷуди рӯҳ ва парастиши он яке аз зинаҳои идроки фитрат, яъне огози зуҳури майли зотӣ-табии инсон ба намирандагӣ ва абадият аст.

Эътиқодоти анимистӣ танҳо дар замони ба дараҷаи баландтар инкишоф ёфтани қувва ва қобилияти тафриди (абстракт)-и инсон имконпазир гардида буд, чунки шинохтан ва парастидани рӯҳ ба миқдори зиёди қобилияти тафрид эҳтиёҷ дорад. Дар омӯзиши парастишҳои анимистӣ нақши диншиноси англис Э. Тэйлорд калон аст ва худи истилоҳи А.-ро низ аввалин бор ӯ ба диншиносӣ дохил кардааст. Тэйлорд А.-ро «ҳадди ақали дин» мешуморид. Дар воқеъ, А. унсури ҳатмии ҳар як дин аст. Бовар ба намирандагии рӯҳ, абадияти он, парастиши рӯҳи аҷдод, бовар ба ҳаёти пас аз маргӣ идома ва натиҷаи боварҳо ва парастишҳои анимистӣ мебошад, ки дар динҳои имрӯзаи ҷаҳон ҷой дорад.

Ад.: Шерзод Абдуллозода, Асосҳои диншиносӣ, Д., 2001; Ҷон Нос, Таърихи ҷомеи адён: аз оғоз то имрӯз, тарҷ. Алӣ Асғари Ҳикмат, Интишороти Пирӯз; 1354; Васильев Л. С., История религий Востока, М., 1983.

Ш. Абдуллозода.

АНӢС [Pimpinella anisum (≈ Anisum vulgare)], анисун, бодиёни румӣ, бодиёни мисрӣ, бодиёни форсӣ, розиёнаҷи румӣ, гиёҳест яксолаи чатргул; ба *кашниз* ва *ҷаъфарӣ* монандӣ дорад. Бехаш дукмонанд (дарозиаш 50 – 90 см), пояш рост (20 – 70 см қад мекашад), пашмакдор. Баргаш дар поя пайдарҳам ҷойгир шудааст. Барги бехи пояш паррадор ё яклухт, думчадароз; барги қисми миёнаи поя думчакӯтоҳ (қисми болоӣ – бедумча). Гулаш майда, сафед, 5-барга, сершаҳд (моҳҳои май – июн мешукуфад); хӯшагулаш чатршакл (дар нӯги поя ва шохчаҳои



Анис.

паҳлуӣ ҷой гирифтааст). Меваш мурӯдмонанди хокистарранг (дарозиаш 3 – 5 мм, бараш 1,5 – 2,5 мм), баъди пухтан ба ду ҳиссаи баробар («тухм») тақсим мешавад (ба зудӣ мерезад). А.-и худрӯй маълум нест. Онро дар замонҳои қадим (бино ба маълумоти Буқрот) боғӣ кардаанд. А.-ро, одатан, баҳорон мекоранд. Ба ҳар га 10 – 22 кг тухмӣ сарф мешавад. А. дар ҳарор. 10 – 15°С дар давоми 14 рӯз неш мезанад. Даврааи нашваш 110 – 130 рӯз. А.-ро асосан барои тухмаш мепарваранд. Онро дар Тоҷикистон бештар дар назди ҳавлӣ мекоранд. Тухми А. як навъ адвиёти пурқимат (алалхусус дар қаннодӣ ва нонпазӣ) аст. Онро чун зираву корав ба таом ҳам меандозанд. Сабзаи тару тозаашро чун хӯриш истифода мебаранд. Аз А. равғани эфир (1 – 6%) мегиранд; равғани эфири А. асосан аз анетол (80 – 90%) ва метилхавикол (10%) иборат аст. Онро барои тайёр кардани навшодири анис, хокаю хамираи дандоншӯӣ ва ғ. истифода мебаранд; дар тиб ва атриёт низ муҳим аст. Равғани эфири А. доруи балғамовар аст ва узвҳои ҳозимаро тақвият мебахшад. Аз А. равған (8 – 28%) ҳам мекашанд; онро дар собунпазӣ ва тайёр кардани ҳар гуна локҳо истифода мебаранд. Кунҷорааш хӯроки серғизои чорвост.

Хусусияти давоии худи тухми А. аз қадим маълум аст. Абуалии Сино анисунро барои кори узвҳои меъда, ҷигар, испурч, гурда ва пешобдон муфид ҳисобидааст; А. арақ, пешоб ва бодро меронад, нафаскаширо осон ва варами пойро мегардонад. Ҳоло нақеи тухми А.-ро чун омили тақвиятбахши узвҳои ҳозима ва бодрон (1 қошуқ А.-и кӯфтаро дар 1 истакон оби чӯш 20 дақ. дам карда, пас аз дока мегузаронанд ва пеш аз таом 3 – 4 маротиба 1 – 2-қошуқӣ) менӯшанд. Тухми А. ҷузъи таркиби бисёр «чойҳост», ки барои табобати сулфа, иллати меъда, инчунин чун омили аракқовар, зидди исҳол истифода мешаванд.

Ад.: Склиревский Л. Я., Целебные свойства пищевых растений, М., 1972; Полуденый Л. В., Эфирномасличные и лекарственные растения, М., 1979; Гаммерман А. Ф., Лекарственные растения, М., 1983; Флора Таджикской ССР, Л., 1984.

М. Ҳоҷиматов.

АНӢС Муҳанлаъли Садрпурии Лакҳнавӣ (с. тав ва ваф. номаълум), шоир ва тазкиранигори Ҳиндустон (а. 18). Ба забонҳои форсӣ ва ҳиндӣ эҷод мекард. Забони форсиро аз шоире бо номи Равнақ, шеъру шоириро аз Мирзо Муҳаммад Фохири Макин омӯхт. Бо тахаллусҳои «Хаста» (дар давраи ҷавонӣ), «Бетоб» ва билохира «Анис» шеър мегуфт. Дар бораи А. дар тазкираҳои «Сафинаи ҳиндӣ», «Риёз-ул-фусаҳо» ва ғ. сухан рафта, аз ӯ чун шоири бомаҳорату дорои истеъдоди баланд ёд шудааст. А. шоири соҳибдевон будааст. Дар девонаш ғазалҳо, қасидаҳо, рубоиҳо ва дигар анвои шеър мавҷуданд. Ба шоирони гузаштаи форс-тоҷик пайравӣ мекардааст. Мазмуну матолиби тоза, рӯй овардан ба мавзӯъҳои рӯзгори худ, мавзӯъҳои марбути кишвари Ҳинд дар ашъораш ба назар мерасанд.

Ад.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 1, Т., 1348 ҳ. ш.

АНИСӢИ ИРОҚӢ Қутбуддин (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Аз зодгоҳаш (Ироқ) дар айёми ҷавонӣ ба Ҳирот омад ва то охири умр дар ин ҷо монд. Дар назм пайрави Амир Хусрави Деҳлавӣ буд. Ба чил ғазали ӯ ҷавоб гуфта, сазовори инъоми Алишери Навоӣ гардидааст. Ғазалҳои А. И. дар мавзӯъҳои ишқу вафо ба забони содаву равон эҷод шудаанд:

Ҳаргиз агар набинам он шӯхи бевафоро,
Нодида мепарастам чун мӯъминон Худоро.

***

Боз ин дили шикаста хаёли висол кард,
Чизе хаёл кард, ки натвон хаёл кард.

***

Хоҳам, ки шавам кушта зи теғи ситами ӯ,
Шояд, ки бубинам сари худ дар қадами ӯ.

Ад.: Ҳусайнкулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, ҷ.1, Д., 1981.

У. Назиров.

АНӢСИМОВ Стефан Лукич (28. 9. 1910, деҳаи Александрияи ноҳ. Шкловскийи вил. Могилёви Ҷумҳурии Белорус – 3. 7. 1985, Душанбе), меъмори шӯравӣ. Бинокори хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1959). Хатмкардаи Ин-ти муҳандисии манзилгоҳи Ленинград (1936). Ҳамон сол



ба Душанбе меояд. Меъмори идораи лоиҳакашии «Тоҷикгоспроект», муҳандиси идораи лоиҳакашии ш. Тошканд (1937 – 39), меъмори Ин-ти лоиҳакашии «Тоҷикгипрострой» (1939 – 53), ҷонишини мудири Раёсати меъмории назди Шӯрои Вазирони РСС Тоҷ. (1955 – 57), сардори шӯъбаи муоинаи лоиҳаҳои Госплани РСС Тоҷ. (1957 – 58), ҷонишини якуми раиси Комитети давлатӣ оид ба сохтмону меъмории назди Шӯрои Вазирони РСС Тоҷ. (1958 – 60), раис (1960 – 64) ва ҷонишини якуми раиси Госстройи РСС Тоҷ. (1964 – 71) буд. Аз с. 1971 нафақагир. Мувофиқи лоиҳаҳои А. дар Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ чандин биноҳои истиқоматию маъмурӣ бунёд гардидаанд. Беҳтарин лоиҳаҳои кашидаи А. инҳоянд: бинои КМ ҲК Тоҷикистон (ҳоло Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ), монументи Герби давлатии РСС Тоҷ. дар майдони ба номи В. И. Ленин (ҳоло майдони Озодӣ) бахшида ба 25-солагии таъсисёбии Тоҷикистон, бинои Шӯрои Вазирони РСС Тоҷ., бинои китобхонаи давлатии ба номи А. Фирдавсӣ ва ғ. Узви ИМ СССР аз с. 1936. Бо ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо сарфароз гардидааст. *Р. Муқимов.*

АНИСӢ Абулҳасани Мирҷон (с. тав. номаълум – ваф. тақр. 1568/69, Бухоро), шоири тоҷик. Бино ба маълумоти «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисорӣ аксар илмҳои замонашро дар назди уламову удабои маъруфи давр омӯхт. Хешу ақрабояш низ аз донишмандони замон будаанд ва дар таълими ӯ саҳм гузоштаанд. Дар фанни шеър ва каломи бадеъ рисолаҳо дош тааст. Мавзӯи асосии ғазалҳояш ишқ аст, вале зимни ғазалиёти ишқӣ ба мавзӯъҳои шикоят аз чархи фалак, давру замон ва ғ. рӯ овардааст. Абёти зерин аз ӯст:

То чархи ҷафопеша маро аз ту чудо кард,
Ғамҳои фироқи ту чӣ гӯям, ки чиҳо кард.
Ҳар аҳду вафое, ки фалак баст ба аҳдам,
Дар даври фироқи ту ба он аҳд вафо кард.
Беҳуш фитодем зи боди сари зулфат,
Ин фитнагарӣ дар ҳақи ман боди сабо кард.
Он моҳ насим аз чамани лутф фиристод,
Сад шукр, ки коре ба ҳавои дили мо кард.
То ёфт Анисӣ ба дари дӯст мақоме,
Ҳар шому саҳар рӯй ба даргоҳи Худо кард.

У. Назиров.

АНИСӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (ох. а. 16 – нимаи авв. а. 17). Зодгоҳаш Истаравшан. Мувофиқи маълумоти «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ А. фарди фозилу донишманд, шоири номвар ва олим, аз аҳли тасаввуфи даврон будааст. Аксар ашъораш мабдаъ ва маънии ирфонӣ доранд. Аз осораш ғазалҳо, қитъаҳо ва абёти пароканда ба тавассути тазкираҳову баёзҳо то замони мо расидаанд. Баёти зерин аз ӯст:

Агар Маҷнун ба роҳи ишқ бо ман ҳамсафар мешуд,
Тариқи ишқ медид аз ману девонатар мешуд.

С. Султонов.

АНИСӢ Юлқулибек (с. тав. номаълум – ваф. 1607, Бурҳонпури Ҳиндустон), шоири форсизабони Ҳиндустон. Аз қабилаи шомлуи туркман. Дар Ҳирот таҳсил кардааст. Чанд муддат дар дарбори ҳокими ин шаҳр китобдор буд. Шеърҳои нахустинашро бо тахалл. «Ҷоҳӣ» навиштааст. Девони ашъорашро худаш тартиб дода буд. Солҳои 70 а. 16 Абдуллоҳхони ӯзбек Хуросонро забт карда, А.-ро асир гирифт ва ба Моваруннаҳр овард. Дар ҳамин гирудор девони А. нест шуд. А. роҳи Ҳиндустонро пеш гирифт. Мероси адабии боқимондаи А., асосан, ҳамон аст, ки дар Ҳиндустон эҷод кардааст. Ба қалами ӯ қасоиду ғазалиёт, рубоиҳо, тарҷеъбанду таркиббандҳо ва ғ. тааллуқ доранд. А. дар ин навъ ашъор беҳтарин анъанаҳои назми пешинаи форс-тоҷикро идома додааст. Силсилаи ғазалҳо дорад дар татаббуи Ҳофизи Шерозӣ. Мавзӯи ғазалҳояш панду андарз, шикоят аз беадолатиҳои замона, ҳасби ҳол – шикоят аз рӯзгори номусоид ва ғ. мебошанд. Ба ғайр аз ашъори ғиноӣ аз А. то замони мо маснавие бо номи «Маҳмуд ва Аёз» (нотамом) расидааст, ки як нусхааш дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ АИ ҶТ маҳфуз аст. Абёти зерин аз ӯст:

Дӯш фарёди Анисӣ синаҳо маҷрӯҳ кард,
Нештаре гӯё, ки дар ҳар нола пинҳон кардаанд.

***

Пайи ислоҳи толеъ умр дар кори ҳунар кардам,
Ба устодӣ наёрастам, ҳарир аз бӯриё кардам.

***

Гар пас аз марг ҳам осуда нагардам, чӣ аҷаб,
Меҳнати рӯз ба шаб хоби парешон орад.

Ад.: Абдулбоқии Наҳовандӣ, Маосири Раҳимӣ, ҷ. 3, Калкатта, 1935; Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, ҷ 1. Д., 1981.

А. Алимардонов.

«АНИ́С-УЛ-АҲИББО́», тазкираи *Анис* Муҳанлаъли Садрпурии Лакҳнавӣ, ки с. 1778 навишта шудааст. Шарҳи ҳолу осори устоди Макин Мирзо Азимои Исфаҳонӣ, худи Муҳаммад Фахири Макин (устоди Анис) ва шогирдони мусулмону ҳиндуи ӯро дар бар мегирад. Дар ин тазкира тақр. шарҳи ҳоли 50 нафар шогирди Макин омадааст. Дар баъзе нусхаҳо дар шумораи шогирдон тағйирот ба назар мерасад. Анис Муҳанлаъл дар тадвини тазкира аз «Тазкират-ул-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ илҳом гирифтааст. Тазкира ба табъ нарасидааст. Нусхаҳои дастнависаш дар китобхонаҳои Ҳиндустон маҳфузанд.

Ад.: Аҳмад Гулчин Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 1, Т., 1348 ҳ. ш.

М. Диловаров.

«АНИ́С-УЛ-ОШИҚИ́Н», тазкираест муфассал аз Маҳароҷа Ратан Сангҳа Баҳодур, мутахаллис ба «Захмӣ» (ваф. 1851). Соли 1820 навишта шудааст. «А.» шарҳи ҳол ва намунаи ашъори 2 ҳазор нафар шоири тоҷикзабон (форсизабон)-ро аз оғози шеъру адаби форс-тоҷик то замони муаллиф фаро мегирад. Номи суханварон ба тартиби алифбои форсӣ оварда шудааст. Муаллиф аз эҷодиёти шоирон ғазалҳову рубоиҳо, гоҳо қасида ва пораҳои маснавиҳоро ба ҳайси намуна овардааст. Чунонки мусанниф ишора менамояд, ӯ ин асарро дар заминаи маъхазҳои адабӣ ва мутолиаи девони шоирон тадвин кардааст.

Ад.: Аҳмад Гулчин Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 1, Т., 1348 ҳ. ш.

А. Афсаҳзод.

«АНИ́С-УЛ-УШШО́Қ», рисолаест аз Шарафуддин Ҳасан ибни Муҳаммади *Ромии Табрезӣ* дар боби сувароти шеър аз қабили мӯй, ҷабин, абрӯ, чашм, мижгон, рӯй, хат, хол, лаб, дандон, даҳон, занахдон, гардан, бар, соид, ангушт, қад, миён, соқ ва ғ. Аз 19 боб иборат аст. Нигоранда сувароти шеърии дар асоси мафҳумҳои мазкур ба миён омадаро таҳлил ва тасниф карда, гоҳо муродифҳои онҳоро аз забони паҳлавӣ (форсии миёна) ва арабӣ овардааст. Ба ҳайси шоҳид асосан пораҳои шеърӣ аз эҷодиёти шоирони а-ҳои 10 – 14 оварда шудаанд. «А.» сарчашмаи муҳимест барои пажӯҳиш дар таърихи адабиёт, таҳаввули сувароти шеър, таърихи забон ва масоили назарияи адабиёт. Соли 1947 дар Теҳрон ба табъ расидааст. Байти зерин аз «А.» аст:

Равшан аст он аҳли маъниро, ки дар девони ҳусн,
Чашми шӯрангези ҳуснат шоҳбайти маънавист.

Р. Мусулмонқулов.

АНКАБУ́Т, ниг. *Тортанак.*

«АНКАБУ́Т» (ар. ал-Анкабуту – тортанак), сураи 29 Қуръон, дар Макка нозил шуда, аз 112 оят ва 7 рукӯъ иборат мебошад. Ба тартиби нузул сураи 81 аст. Номи А. аз ояти 41 гирифта шудааст. Дар оғоз *ҳуруфи муқаттаи* Алиф, Лом, Мим дорад. Дар ибтидои А. сухан дар бораи корҳои хубу бад меравад, ки инсон ихтиёран даст ба онҳо мезанад ва барои онҳо масъул аст. Сипас, боз қиссаи баъзе пайғамбарон (а) оварда шудааст: Нӯҳ (а), Тӯфон, Иброҳим (а), пайғамбарии ӯ, ӯро аз оташ раҳонидани Худо, ҳичрати Лут (а) бо Иброҳим (а), қавми Лут (а) ва аъмоли зишти онҳо, омадани фариштагон барои ҷазо додани қавми Лут (а), Шуайб (а) ва қавми ӯ, ҷазо додан ба қавми ӯ, зикри қавмҳои Оду Самуд ва ҷазои онҳо, Қорун, Фиръавн ва Ҳомон. Баъди ин зикр шудааст, ки ҳар кадоме аз ин қавмҳову шахсиятҳо ба яке аз ҷазоҳо гирифтор шуданд: боди сангбор, овози сахт, ба замин фурӯ рафтан, ғарқ шудан. Дар охир дар бораи *Қуръон*, мушрикону аҳли Китоб ва муносибати онҳо ба Қуръон, ҳичрат дар замини Худо, мӯъминон, қудрату тавоноии Худо, аз осмону замин ризқ додани Ӯ, ҷойи боамн гардидани Макка, ҷиҳод ва ғ. оятҳо дарҷ гардидаанд.

М. Умаров.

АНКЕ́ТА (франс. enquete – рӯйхати саволҳо), пурсиши анкетӣ, методи пурсиш, усули гирифтани маълумоти ибтидоии иҷтимоӣ ва иҷтимоию психологӣ. А. маҷмӯи саволҳое мебошанд, ки ба шахсони пурсидашаванда (озмудашаванда) тақсим карда мешаванд ва натиҷаи он минбаъд ҳамчун маълумоти ибтидоии тачрибавӣ барои ҷамъбаст намудан хизмат мекунад. Дар илмҳои иҷтимоӣ (демография, сотсиология, психология) барои муайян намудани маълумоти тарҷумаиҳолӣ, афкор, мавқеъ ва нишонаҳои хислати шахси пурсидашаванда аз пурсиши анкетӣ истифода мебаранд. Асоси А.-и психологиро ҳисоботи хаттии озмудашавандагон ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, А.-и психологиро дар синни ибтидои кӯдакӣ ба кор намебаранд. Натиҷаҳои А.-и психологӣ ба таври оморӣ кор карда мешавад. Тартибдиҳии А. кори дастаҷамъӣ буда, се марҳаларо дар бар мегирад. Дар марҳалаи якум мазмуни А. муайян карда мешавад. Дар марҳалаи дуюм саволҳои зарурiро интихоб мекунанд. Саволҳо ҳатталимкон бояд кӯтоҳ, фаҳмо, сода, аниқ ва як маъно дошта бошанд. Дар марҳалаи ниҳоии тартибдиҳии А. миқдор ва тартиби саволҳои додашаванда муайян карда мешавад. Ду намуди пурсиши анкетиро ҷудо мекунанд: кушода ва пӯшида. Дар пурсиши анкетии кушода савол дода мешавад ва ҷавоб озод аст. Дар пурсиши анкетии пӯшида бошад, баробари савол якчанд варианти ҷавобҳо пешниҳод карда мешаванд ва шахси озмудашаванда ҷавобашро аз доираи онҳо интихоб мекунад. Вобаста ба хусусияти маълумоти зарурӣ ва тарзи гирифтани он намудҳои гуногуни пурсиши анкетиро ба кор мебаранд: пурра (мас., рӯйхатгирии аҳолӣ), интихобӣ (гурӯҳҳои синнусолӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва ғ-ро фаро мегирад), шифоҳӣ (мусоҳиба) ва хаттӣ (варақаи саволҳо), фардӣ ва гурӯҳӣ, рӯбарӯ ва ғоибона (ба воситаи почта, телефон).

Н. Шарипов.

АНКИЛО́З (аз юн. ankylos – каҷ), беҳаракатии банду буғум дар натиҷаи бо ҳамдигар васл шудани сатҳи онҳо. А. дар натиҷаи бемориҳои шадид ва музмини банду буғум, вайрон шудани интиҳои банду буғум дар натиҷаи бемориҳо, зарбу лат ва ғ. рух медиҳад. Вобаста аз хусусияти бофтае, ки дар байни банду буғум ташаккул меёбад, А. суддабанд, тағоякӣ ва устухонӣ мешавад. Аз рӯи давомоти иллати банду буғум А.-и пурра ва нопурраро фарқ мекунанд. А. дар натиҷаи нодуруст табобат кардани устухони шикаста низ ба вуҷуд ояд. А. на фақат ҳаракати узвро маҳдуд месозад, балки боиси дарди тоқатфарсо низ мешавад (хусусан А.-и фиброзӣ). А.-ро ба воситаи ҷарроҳӣ табобат мекунанд.

АНКИЛОЗА́ВРҲО (Ankylosauria), як навъ ҷонварони мунқариз. Дар давраи бӯр зиндагӣ кардаанд. А. хазандаҳои калонҷуссаи (дарозиашон 8 – 9 м) алафхӯр буданд. Танашон паҳн, аз боло бо хор ё сипарчаҳои устухонӣ, ки дар баъзе А. ба косаи яклухт васл шудаанд, иҳота мешуд. Дар нӯги дум (воситаи ҳимоя аз динозаврҳои даранда) хорҳои тез доштанд. Боқимондаҳои А. дар ҳамаи материкҳо (ба ғайр аз Австралия ва Антарктида), вале асосан дар таҳнишастҳои бӯри болои Америкаи Шимолӣ, Европа ва Осиё, Қазоқистони Марказӣ, Қизилқум ёфт шудаанд.



Анкилозаври гурздум.

АНКИЛОСТО́МА, як гурӯҳи лӯндакирмҳо. Дарозии А.-и модина 10 – 13 мм, нарина 6 – 11 мм мебошад. А.-ҳо тарзи ҳаёт ва сохтори якхела дошта, таъсирашон низ ба организми одам ба ҳамдигар монанд аст. Бемориҳое, ки А.-ҳо ба вуҷуд меоваранд, анкилостомоз ва некатороз ном дошта, зери як номи умумӣ – *анкилостомидозҳо* муттаҳид гаштаанд. А. дар тамоми дунё ба мушоҳида мерасад. Ҷойи зисти кирминаи онҳо хок аст. Кирминаҳо ҳангоми пои бараҳна гаштани одам аз ҷойҳои харошхӯрдаи пӯст ба рагҳои хун ворид мешаванд. Онҳо аввал ба пешдили рост, баъд ба шараёну мӯйрагҳои алвеолаҳои шуш интиқол меёбанд. Кирминаҳо деворai мӯйрагҳоро шикофта ба алвеола, баъдан ба воситаи роҳи нафас ба ҳалқум мегузаранд ва одам бо оби даҳон онҳоро фурӯ мебарад. Ҳамин тавр, кирминаҳо ба рӯда фаромада, дар он ҷо баъди чанд муддат болиғ мегарданд. А.-ҳои болиғ ба воситаи ғизо ҳаракат карда, дар рӯдаи борик ҷой мегиранд ва пурра ташаккул меёбанд. Кирминаҳои онҳо аз организми шахс бо наҷосат ихроҷ шуда, «сайд»-и навбатиро интизор мешаванд. Ғизои А. хуни одам аст. Вай дар сар дандонакҳои махсус дорад, ки ба воситаи онҳо ба деворai рӯда мечаспад ва хунро мемакад. Дар натиҷа аз ҷойи захм, ки қутри он то 2 см аст, муддати зиёд хун меравад. А. боиси сар задани камхунӣ мешавад. Ба вуҷуд омадани исҳол, дард кардани меъда, суст гаштани сабзишу инкишофи кӯдакон, хастагию беҳолӣ нишонаҳои осеби А. мебошанд. Ҳамчунин дар шахс хоҳиши истеъмол кардани ҳар гуна чизҳо (мас., гил) ба вуҷуд меояд. Барои пешгирии сироя-


ти А. дар ҷойҳои ифлос пои бараҳна гаштан лозим нест.

АНКИЛОСТОМИДО́ЗҲО, беморихое, ки кирмҳои лӯнда (анкилостомидаҳо) ба вуҷуд меоваранд. Дар рӯдаи одам 2 намуди анкилостомидаҳо – анкилостома ва некатор паразитӣ мекунанд. А. дар кишварҳои иқлимашон тропикӣ ва субтропикӣ паҳн шудаанд. Дар кишварҳои иқлимашон мӯътадил ба А. шахсоне гирифтор мешаванд, ки дар зери замин, дар шароити рутубати зиёду ҳарор. баланд кор мекунанд (кӯҳканон, нақбканҳо ва ғ.). Анкилостомидаҳо ағлаб ба одамони деҳот, ки дар саҳро, полиз ва боғот кор карда, ба замин пору носӯхта меандозанд, сироят мекунанд (хусусан ҳангоми пои бараҳна гаштан). Тухми анкилостомидаҳои модина бо пасафканди бемор хориҷ шуда, дар шароити мусоид баъди 24 соат ба кирмина мубаддал мегардад. Кирминаҳо ба даруни одам бештар ба воситаи пӯст ва даҳон (бо сабзавоту меваи ношуста ё об) ворид мешаванд. Беморӣ баъд аз 2 – 3 моҳи сироят ёфтан зоҳир шуда, сабаби ихтилоли меъдаю рӯда ва инкишофи камхунӣ мегардад; баъзан чун камхунии вазнин, бемадорӣ, дарди сар, сарчархзанӣ ҷараён мегирад. Одатан, ҳангоми А. инкишофи фикрию ҷисмонии кӯдакон суст мешавад. Муолиҷаи А.-ро дар беморхона мегузаронанд ва, одатан, бемор пурра шифо меёбад.

Ошкор ва муолиҷа кардани шахсоне, ки аз анкилостомидаҳо сироятнок шудаанд (онҳо ягона манбаи сироят мебошанд), безарар гардондани ахлоте, ки чун пору истифода мешавад, пеш аз истеъмол бо оби гарм шустани сабзавоту мева, баъди кор дар боғ ё полез, инчунин пеш аз хӯрок ва баъд аз қазои ҳоҷат тоза шустани дастон аз ҷумлаи тадбирҳои асосии пешгирии А. мебошанд. Ниг. низ *Гелминтозҳо.*

Ад.: Генис Д. Е., Медицинская паразитология, М., 1991; Қамардинов Х. К., Тропические и паразитарные болезни человека, Д., 2003; ҳамон муалл., Инфекционные и паразитарные болезни человека, Д, 2009. *Э. Раҳмонов.*

АНҚАРА́ (Ankara), шаҳр, пойтахти Ҷумҳурии Туркия. Маркази маъмурии вил. Анқара. Дар шимолу ғарб суфакӯҳи Анатолия ҷойгир аст. Аз рӯи шумораи аҳолӣ (3,3 млн наф., 2005) ва аҳамияти иқтисодӣ дар мамлакат баъди Истамбул шаҳри дуюм аст. Иқлимаш континентӣ, ҳарор. миёнаи янв. – 0,7°, июл +23,2°С. Боришоти солона 340 мм. Роҳҳои оҳан ва нақлиёти автомобилгарди А. Ев-



Анқара. Манзараи шаҳр.

ропаро бо Осиё мепайванданд. Дорои метрополитен аст. А. з-дҳои авиатсионӣ (истеҳсоли самолёти Ф-16), тракторсозӣ, сементбарорӣ ва корхонаҳои саноати сабук, коркарди чӯб, хӯрокворӣ, чармгарӣ, истеҳсоли пашмина (пашми ангорӣ), маҳсулоти ҳунармандӣ дорад. Аэропорташ байналхалқист. Қубурҳои интиқоли нефту газ аз Россия ва давлатҳои Осиё ба тавассути А. ба Европа мегузаранд. Дар А. мактабҳои олӣ (Донишгоҳи Шарқи Миёна, ки дар он Китобхонаи миллии Туркия ҷойгир аст), Академияи санъати тасвирӣ, консерватория, театрҳо, аз ҷумла Театри калони давлатӣ, Оркестри симфонии президентӣ, Мавзолеи нахустин Президенти Туркия Камол Отатурк ва ғ. воқеанд.

А. яке аз шаҳрҳои қадимаи Осиёи Хурд аст. Қалъаи он ҳанӯз аз давраи хеттҳо (1200 то м.) вазифаи паноҳгоҳро иҷро менамуд. А. дар а. 7 то м. бо номи Анкире аз тарафи фригиягиҳо дар сари роҳи корвонгард бунёд гардида маркази тиҷорат маҳсуб мешуд. Дар замони Империяи Рим (бо номи Анкира) пойтахти музофоти Галатия буд. Минбаъд шаҳр аз даст ба даст – яъне ба византиягиҳо, арабҳо, салибдорон, туркони салҷуқӣ (а. 11) гузашт. А. дар а. 14 маркази маъмурии Туркияи Усмонӣ буд. Замони ҳукмр. Империяи Усмонӣ дар яке аз муҳорибаҳои назди А. (1402) лашкари Темур Султон Боязидро шикаст дод. Пас аз ислоҳоти с. 1864-и Туркия А. маркази вил. Анадолу (ҳоз. Анталия ё Анатолия) гардид. 23 апр. 1920 дар А. нахустин Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия баргузор шуд, ки он ба ҳукумати миллӣ асос гузошт (дар ин бино осорхона ташкил шудааст). Аз 29 окт. 1923 пойтахти Ҷумҳурии Туркия мебошад. Аз ёдгориҳои меъморию таърихӣ маъбади Август (а. 10 м.), харобаҳои биноҳои давраи Рими Қадим, Қалъаи Анқара (дар он мақбараи Алоуддин мавҷуд аст, ки рамзи шаҳр ба ҳисоб меравад), Масҷиди Хоҷатеппа (1987, бузургтарин дар мамлакат) ҷолиби диққатанд. Аз 11 дек. соли 2003 байни Душанбе ва А. декларатсияи бародаршахрӣ ба имзо расид.

АНҚО́ (ар. – дарозгардан), мурғи афсонавӣ, ки гӯё ҷойгоҳаш ба мисли Симурғ дар кӯҳи Қоф будааст. Азбаски ин мурғ аз мардум дур буд ва диданаш на ба ҳама муяссар мегардид, ба маънои маҷозии чизи ноёфт, чизе, ки номаш ҳасту худаш нест, ба кор рафтааст. Дар адабиёти форсӣ-тоҷик чун образи шеърӣ (дар ирфон) ба маънои гӯшанишинӣ, канораҷӯӣ омадааст:

Бибур зи халқу зи Анқо қиёси кор бигир,
Ки сити гӯшанишинон зи Қоф то Қоф аст.

(*Ҳофиз*).

Вобаста ба дур будани А. аз назари мардум, ноёфт буданаш ривоёти исломӣ мавҷуданд, ки тибқи онҳо А.-ро муғриб, миғраб гуфта, ба ду маънӣ «фурӯбаранда», «балъкунанда» ва «ғарибу нав» ташреҳ додаанд. Дар яке аз ривоятҳо омадааст, ки А. дар байни мардум мезист. Рӯзе ӯ ба шикор баромад, вале ягон парандае ба чанг оварда натавонисту кӯдакеро рабуда фурӯ бурд. Мардум ба пайғамбари Худо шикоят карданд. Пайғамбар дуо кард ва насл додани А. канда шуд. Аз ҳамин ҷост, ки А. ноёфт гардид. Дар қиссаҳои марбут ба ҳазрати Сулаймон (а) низ аз А. ва дар паси кӯҳи Қоф маскан доштанаш сухан меравад. Ба А., А.-и муғриб (миғраб) аксаран шоирону адибони мутасаввиф муроҷиат кардаанд. Мас.:

Кас наёбад ба ишқ-бар пирӯз,
Ишқ Анқои муғриб аст имрӯз.

(*Саноӣ*).

Дар ошёни ақл чу Анқои муғрибам,
Бар осмони фазл чу хуршеди азҳарам.

(*Анварӣ*).

Сулаймонвор девонро мутеи амри худ гардон,
Нишин бар тахти билқисиву чатр аз парри Анқо кун.

(*Саноӣ*).

Наққоши чирадаст аст он нохудои тарс,
Анқо надида, сурати Анқо кунад ҳаме.

(*Масъуди Саъд*).

Ад.: Ёҳақӣ Муҳаммад Ҷаъфар, Фарҳанги асотир ва ишороти достонӣ дар адабиёти форсӣ, Т., 1375 ҳ. ш.

АНҚО́, 1) сози қадимаи торӣ захмавӣ, ки мушобеҳи *қонун* будааст. Доир ба А. Абуалии Сино дар фаслҳои мусиқии «Донишнома», «Китоб-ул-наҷот», «Китоб-уш-шифо» ишора кардааст; 2) бино ба маълумо-

ти баъзе сарчашмаҳо сози мусиқии нафасӣ, ки ба най ва найи ҳафтбанд шабоҳат доштааст; 3) номи таронаи қадимаи мавсимию маросимии форсу тоҷик. *А. Раҷабов.*

«АННА ШПЕ́Т», Венгеркаи дерпазак, Венгеркаи холдор, як навъ олу. Солҳои 70 а. 19 олими немис А. Шпет аз донак рӯёндааст. Дарахташ миёнасабз, сармобардор, 5 – 6 м қад мекашад. Шоху навдааш аҳромшакл; шохҳои асосиаш ғафс. Навдаҳои тарракаш сурхи дорчинӣ, навдаҳои яксолааш ҷигарӣ. Баргаш ғафс, байза ё нештаршакл, рӯяш сабзи баланд, пушташ сабзи кушод, думчааш кӯтоҳ (0,5 – 10 мм), сабзчаи патдор. Гулаш хушбӯй. Меваш калон (35 – 45 г), гирда ё байзашакл, бунафши сурхтоб, мумпардаи сахт дорад; ҳангоми боронгарӣ кафида мепӯсад. Пӯсти меваш сахт, баъди пурра пухтан аз гӯшт нағз ҷудо мешавад. Мағзи меваш сабзи зардтоб, сероби ширин, хушбӯй, то 18 – 27% моддаҳои хушк, 14% қанд, 0,6 – 1,2% ҷавҳар дорад. Донакаш байзашакли дароз, баъди пухтан аз мағзи мева ҷудо мешавад. Дарахташ дар мавзеъҳои обҳои зеризаминиашон наздик низ мерӯяд, дар хоки хокистарранг нағз сабзида ҳосили хуб медиҳад. Баъди пир шуда аз сабзиш мондан, дарахташро калак мекунанд (он аз сари нав месабзад). Авв. апр. гул карда (даври гулшукуфташ 6 – 10 рӯз), меваш авг. пухта мерасад. Гулаш худгардолуд аст. Ҳангоми аз гули навъҳои Ренклоди сабз, Ренклоди Алтан, Венгеркаи муқаррарӣ, Венгеркаи италиявӣ гардолуд шудан ҳосили фаровон медиҳад. Худ барои гардолуд кардани навъҳои Венгеркаи италиявӣ, Венгеркаи хонагӣ, Ренклоди сабз, Виктория ва ғ. аҳамияти калон дорад. Ниҳолаш дар соли 5-уми шинондан самар меорад. Дарахти 10-солааш 30 – 40 кг ва 15 – 20-солааш 150 – 250 кг ҳосил медиҳад. Ҳосилаш нобаробар мепазад, вале бинобар сахт буданаш онро метавон якбора ғундошт (то 10 рӯз нигоҳ доштан мумкин). Ҳосилашро тар мехӯранд, мехушконанд, меваоб ва мураббо, шарбат, мармелад тайёр мекунанд.



Анна Шпет.

Ад.: Сорта плодовых и ягодных культур, М., 1953; Анзин Б. Н., Слива, М., 1956; Гулов С. М., Мевапарварӣ, Д., 2007.

С. Маҳмадаминов, С. Гулов.

АННАҚУ́ЛОВ Гулмуҳаммад (1901, деҳаи Ғортеппаи ноҳ. Ленин – 1978, ноҳ. Орҷоникидзеобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1948). Дар Ёвон, Янгибозор, Ромит барои барқарор намудани Ҳокимияти Советӣ, сохтмони колхозҳо ва ҷанги зидди босмачиён фаъолона иштирок кардааст (1923 – 31), мудири шӯъба ва аъзои комитети Ҳизби коммунистии ноҳ. Кофарниҳон (1932 – 35), раиси к-зи ба номи Ленин (1936 – 37), раиси комитети иҷроия (1937 – 42), котиби комитети Ҳизби коммунистии ноҳ. Кӯктош (1943 – 45) ва раиси ҷамъияти матлуботи ҳамин ноҳия (1945 – 52), раиси к-зи ба номи Андреевии ноҳ. Ҷилликӯл (1953 – 57), муовини раис ва котиби комитети Ҳизби коммунистии к-зи ба номи Телмани ноҳ. Орҷоникидзеобод (1958 – 60) буд. Аз с. 1961 нафақагир. Соли 1938 депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 1) интихоб гардид. Бо орденҳои Ленин, «Нишони фахрӣ» ва дигар ордену медалҳо сарфароз гардидааст.



АННА́НОВ Бобо (20. 11. 1934, ш. Ашқобод – 1991, ҳамон ҷо), актёр ва режиссёри туркман, Артисти халқии СССР (1985). Донишкадаи театрии ш. Тошкандро с. 1959 хатм намуда, дар театри ш. Чорҷӯ кор кардааст. Солҳои 1961 – 91 реж. студияи телевизиони Ашқобод буд. Дар студияи «Туркманфилм» ролҳои зиёд офаридааст: Гулманов («Имтиҳони аввалин»), Шерсинг («Роҳи охирин»), Ортиқ Боболӣ («Қадами қатъӣ»), Черкез («Роҳи аробаи сӯзон»), Санъат («Тасодуф дар паҳлӯ»), Атобоев («Ранги тилло») ва ғ. Асосан образи одамони муборизе, қавиирода, поквиҷдон ва фаъоли ҷомеъаро ичро менамуд. А. дар киностудияи «Тоҷикфилм» нақши ҳамзамононро дар як силсила филмҳо хеле боварибахш офаридааст: Ӯртабоев («Одам пӯсташро иваз мекунад»), босмачӣ («Ҳеҷбудагон…»), Хуршед («Ҷинояткор ва ҳимоятгарон»), полковник Мӯъминов («Дастгиркунӣ»), подполковник («Ба дӯстон хиёнат намекунанд»). Дорандаи Мукофоти РСС Туркманистон ба номи Махтумқулӣ (1966).



Сармуҳандис Ӯртабоев аз филми «Одам пӯсташро иваз мекунад».

АННОТА́ТСИЯ (аз лот. Annotatio – мулоҳиза, ташреҳ), тақризи кӯтоҳ, ки дар бораи асаре, мақолае, дастнависе ва монанди онҳо маълумоти мухтасар медиҳад. Дар А. тавзеҳоту ташреҳот, мулоҳизарониву маълумотдиҳӣ ва қайду шарҳҳо гоҳо бо овардани иқтибосҳо аз худи асари ташреҳшаванда, мақолаҳо оид ба он, рӯйхати адабиёт ва ҳатто иқтибосҳо аз дигар асарҳо ва монанди онҳо оварда мешаванд. Дар ин ҳолат А. як навъи илми китобшиносӣ (библиография) эътироф мегардад. Ҳангоме ки дар А. ба ҷанбаҳои поэтикӣ, бадеӣ ва услубӣ ва шаклу мазмуни асари бадеӣ дахолат карда мешавад, он ба яке аз навъҳои кӯтоҳи тақризи танқиди адабиву бадеӣ табдил меёбад. Бинобар ин А. барои танқиди адабӣ аз рӯи мулоҳизаву ташреҳоти таҳлилӣ ва баҳои объективии адабиву поэтикиаш пурарзиш мебошад. Дар ин ҳолат А. на танҳо хусусияти таҳлилӣ, тавзеҳотӣ ва бадеӣ, балки моҳияту арзиши ташвиқотӣ, огоҳсозӣ, хабардиҳӣ дар бораи асаре низ пайдо мекунад ва хонандагонро аз пайдоиши асари нави бадеӣ меогоҳонад.

Ад.: Шамурин К., И., Методика составления аннотаций, М., 1959; Табаров С., Асосҳои назариявии танқиди адабӣ, қисми сеюм, Д., 1999.

С. Табаров.

АНОА́ (Anoa depressicornis), як намуди гови ёбоӣ. Дарозии баданаш (бе дум) тақр. 170 см; баландиаш


Аноа.

тақр. 100 см. Шохҳояш рости кӯтоҳ, сеқирра. Баданашро мӯйи тор-тор фаро гирифтааст. Рангаш сиёҳтоб, дар сар, гардан ва пойҳо холҳои сафед дорад. Дар ҳамвориҳо ва бешазори ҷаз. Сулавеси зиндагӣ мекунад. Онро барои шох, гӯшт ва пӯсташ шикор мекунанд. А. хеле кам мондааст.

АНО́Д (аз юн. anodos – ҳаракат ба боло), қутби мусбати манбаи ҷараён (шиддат) ё электроди асбоб (мас., элементи галванӣ, асбоби электрикии вакуумӣ, зарфи электролитӣ), ки бо ин қутб пайваст карда шудааст; чун қабулкунандаи электрон ва дигар ҳомилони заряди манфӣ хизмат мекунад. Ҳангоми разряди газӣ дар ҷараёни доимӣ, наздикии А. дар қабати борик (қабати дебаевӣ) афтиши калони шиддат ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа электронҳои плазмавӣ то энергияе, ки бо фарқи потенсиалҳои байни электродҳо муайян карда мешавад, ба шитоб соҳиб мешаванд. Дар найчаҳои рентгенӣ А. вазифаи нишонро иҷро мекунад ва ҳангоми бо электронҳо бомбаборон кардани он афканишоти рентгенӣ ба вуҷуд меояд. Дар асбобҳои электронии шуоӣ А. ба таркиби системаи электронии оптикӣ дохил шуда, барои ба вуҷуд овардани шакли зарурии майдони электрикие, ки ҷараёни додашуда ва шакли зарурии дастаи электронҳоро таъмин месозад, хизмат мекунад.

АНОМА́ЛИЯ (юн. anomalia – инҳироф), тамоюл аз меъёр ва қонуниятҳои умумӣ. 1) Дар т и б ва б и о л о г и я сохти ғайримуқаррарӣ доштан ва ё аз ҷойи ҷойгиршавии худ берун баромадани ягон узв, мавҷудияти узвҳои зиёдатӣ (мас., ангушти барака) ва ғ. 2) А н о м а л и я и м а й д о н и м а г н и т ӣ – дар ягон мавзеи кураи Замин аз қиматҳои муқаррарӣ фарқ кардани қиматҳои унсурҳои майдони магнитӣ (мас., тамоюли магнитӣ). Пурзӯртарин А.-ҳои магнитӣ ба мавҷудияти калонтарин конҳои маъдани оҳан вобаста аст (*Аномалияи магнитии Курск*). 3) А н о м а л и я и қ у в в а и в а з н и н ӣ – фарқи байни қувваи вазнинии мушоҳидашаванда (ченшаванда) ва қимати назариявии (мӯътадили) он дар ҳамон як нуқта, ки вобастагии қувваи вазниниро аз баландии нуқтаи мушоҳидашаванда ба эътибор мегирад. Ин тафовут ба сохти умумии кураи Замин ва ба зичии ҷинсҳои кӯҳие, ки дар атрофи нуқтаи мушоҳидашаванда воқеанд, вобаста аст. Агар зичии ин ҷинсҳо аз зичии миёнаи кураи Замин фарқ кунад, А.-и қувваи вазнинӣ рӯй медиҳад. Омӯзиши А.-ҳои қувваи вазнинӣ ва магнитӣ дар тадқиқоти геологӣ, алалхусус, дар ҳолати бо усулҳои геофизикӣ ҷустуҷӯ намудани сарватҳои зеризаминӣ васеъ истифода мегардад.

АНОМА́ЛИЯИ МАГНИТИ́И КУ́РСК, калонтарин аномалияи магнитӣ дар ҳудуди Россия. Майдонаш қариб 160 ҳазор км² буда, асосан дар вил-ҳои Курск, Белгород ва дар ҳудуди вил-ҳои ҳамшафат паҳн шудааст. Сабаби мавҷудияти А. вуҷуд доштани захираҳои калони маъдани оҳан (кварсҳои оҳандор) дар қишри замин мебошад. Дар А. маъданҳои сахти сидеритдор ва тозаю нарми гематиту мартитдор бештаранд. Дар ҳудуди А. 4 ноҳияи калони маъдани оҳан (Белгород, Орлову Курск, Старооскол ва Новооскол) муайян шудааст. Дар конҳои «Стойленский», «Лебединский»,«Михайловский»маъдан асосан бо усули кушод ва дар кони «Коробковское» аз зери замин истихроҷ карда мешавад. Ҷамъи захираи маъдани хушсифат қариб 30 млрд т буда, баъди кони «Эл-Мутун»-и Боливия (захираҳои маъдани оҳан то 40 млрд т) аз рӯи миқдори маъдани оҳан дар ҷаҳон ҷойи дуюмро мегирад.

АНОНИЯ́Т (манманӣ), х у д б и н ӣ, э г о и з м, рафтори худписандонаи ахлоқиест, ки муносибати фардии инсонро ба ҷамъият ва одамон тавсиф мекунад. А. дар нисбат додани ҳар чиз ба шахси худ ва ҳама чизро аз худ донистан, манфиати шахсии худро нисбат ба дигарон авлотар донистан зоҳир мешавад. А. хилофи ғайрбинӣ (алтруизм) буда, мазмуну моҳияти зиддигуманистӣ дорад. Дар афкори ахлоқии мутафаккирони асрҳои миёнаи форс-тоҷик А. хислати бади инсонӣ ба шумор рафта, ба он фазилатҳои неки ахлоқӣ муқобил гузошта шудаанд. Муаллифони «Ахлоқи Носирӣ» ва «Ахлоқи Ҷалолӣ» А.-ро бо такаббур ва кибру ғурур дар як зина қарор дода, ба онҳо ахлоқи ҳамидаи инсониро муқобил мегузоранд. Закариёи Розӣ дар «Тиббои рӯҳонӣ» масъалаи А.-ро таҳлил намуда, шахсонеро, ки нафси худро беш аз андоза дӯст медоранд, накӯҳиш карда гуфтааст: «шахсе, ки гирифтори худбинист, барои ислоҳу таҳзиби он бояд бикӯшад». Дар ашъори панду ахлоқии шоирони классики форстоҷик масъалаи аз А. дурӣ ҷустан ва ноил шудан ба сифатҳои неки инсонӣ хеле барҷаста ифода ёфтааст. Мас.:

Машав худбин, ки он бошад ҳалокат,
Ва з-он тира бимонад ҷони покат.

(Носири Хусрав).

Яке он, ки дар нафс худбин мабош,
Дигар он, ки дар ҷамъ бадбин мабош.

(Саъдии Шерозӣ).

Дар афкори ахлоқии шоирону мутафаккирони тоҷик заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии принсипҳои ахлоқ, аз ҷумла А. муайян нагашта бошад ҳам, ғояҳои иззати нафси хеш, ҳифзи қадру қимат, ҳуқуқи ба саодат расидани фард ва ғ. барои то андозае озод шудани афкори одамон аз тасаввуроти динӣ, «ночизу оҷиз ва осиву пургуноҳ» будани инсон ва муборизаи бар зидди тартиботи феодалӣ мусоидат кардаанд.

АНО́НС (annonce – хабардоркунии оммавӣ), хабардоркунии қаблӣ дар бораи рӯйдод (консерт, намоишнома, намоиши кинофилм, нашри китобҳо ё барномаҳои компютерӣ ва ғ.). А. метавонад дар шакли эълоннома, матолиб дар васоити ахбори омма ё эълон тариқи телевизион ва радио бошад. Дар А. баробари эълони рӯйдод, одатан, доир ба рӯйдод маълумоти асосӣ дода мешавад (шарҳи мухтасари филм, барномаи консертӣ).

АНОПЛОСЕФАЛЯ́ТҲО, як навъ кирм. Дар рӯдаи чорвои калон (гов, ғажгов, шохбарзагов, зебу, шутур) ва моли майда (гӯсфанд, буз, гавазн, архар ва ғ.) зиндагӣ мекунанд. А. ангезандаи аноплосефалятоз мебошанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон 6 намуди А. (4 намуди мониезияҳо – Moniezia expansa, M. benedeni, M. alba, M. autumnalia, 1 намуди авителлина – Avitellina centripunctata ва 1 намуди тизаниоз – Thyzaniezia giardi) мавҷуданд. M. expansa тасмакирми калони сафедранг буда, дарозиаш 460 см ва паҳниаш 25 мм аст. Баданаш аз сар (сколекс), гар-

дан ва бандҳои алоҳида иборат мебошад. Дар сар ду ҷуфт узви маканда дорад. Узви ҷинсии модинааш ҷуфт. Баъди ба тухмдон афтодани тухм ғадудҳои ҷинсии модинааш заиф мешаванд. Дарозии тухмаш 0,05 – 0,06 мм, қутраш 0,07 – 0,09 мм (қутри ҷанинаш 0,02 – 0,22 мм). M. benedeni зарди сафедча буда, дарозиаш то 732 см ва бараш то 24 мм мешавад. Дар сар ду ҷуфт узви маканда дорад. Баданаш аз бандҳои сершумор иборат аст. Дарозии тухмаш 0,70 – 0,94 мм, қутраш 0,01 мм. M. alba кирми сафед буда, дарозиаш аз 60 см то 2,5 м аст. Сараш лундаи 4-қирра ва нисбатан паҳн (1,15 – 1,40 мм). Тухмаш 0,60 – 0,80 мм. M. autumnalia якҷоя бо буғумҳои болиғаш 160 – 284 см мешавад (бараш то 4,56 мм). Сараш нисбатан паҳн (0,60 – 0,72 мм). Бандҳои баданаш 2,8 – 3 мм поёнтар аз сар ҷой гирифтаанд. Андозаи тухмаш 0,074 – 0,096 мм. T. giardi кирми ширранг аст; дарозиаш 1170 см, бараш 10,4 мм. Дар сар ду ҷуфт узви маканда дорад. Баданаш сербуғум. A. ceutripunctata кирми ресмоншакл буда, дарозиаш то 1054 см ва бараш 2,05 мм аст. Дар сар ду ҷуфт узви маканда дорад. Дарозии тухмаш 0,010 – 0,35 мм, бараш 0,013 – 0,022 мм.

Мониезияҳо дар бадани канаҳои зиреҳакдор афзоиш мекунанд. Дар Тоҷикистон 104 намуди канаҳои зиреҳакдор мавҷуд аст, вале тухми мониезияҳо фақат дар бадани 6 намуди онҳо инкишоф меёбад. Даврaҳои инкишофи Thuzaniezia giardi ва Avitellina centripunctata алҳол пурра аниқ нашудаанд.

Ад.: Муҳаммадиев С. А., Аноплоцефалятозы крупного рогатого скота в Таджикистане и меры борьбы с ними, Д., 1980; ҳамон муалл., Гельминты крупного рогатого скота и яков Таджикистана, Д., 1981. *С. А. Муҳаммадиев.*

АНОПЛОСЕФАЛИДО́З, як гурӯҳи касалиҳои гелментии ҳайвонот. Ба А. бештар асп, хар, хачир гирифтор мешаванд. Ангезандаи А. биогелминтҳо – Anoplocephala magna, A. perfoliata ва ғ. мебошанд. Дарозии A. magna то 520 мм, паҳниаш 25 мм аст. Дар рӯдаи борик ҷой мегирад. A. perfoliata то 70 мм дарозӣ ва 8 – 14 мм паҳнӣ дорад. Ҷои сукунати он кӯррӯда аст. Ҳайвонот аз ангезандаи А. ҳангоми бо хӯрок истеъмол кардани канаҳои касалиангез сироят меёбанд. Дар рӯда бисёр гирд омадани сестодаҳо боиси баста шудани сӯрохи он мегардад. Бо мақсади пешгирии А. ҳайвонотро дар чарогоҳҳое бояд нигоҳ дошт, ки камаш се сол истифода нашуда бошанд.

АНО́Р, нор, норбун, руммон (Punica granatum), як навъ бутта ё дарахти хазонрези субтропикист. Дарахташ сершоху барг буда, то 3 – 4 м қад мекашад. Аз ҳар бехи А. 3, баъзан 7 – 9 тана месабзад. Навдаҳояш хордор, баргаш байзашакли нӯгтез, зимистон мерезад. Аз авв. май то июл гул мекунад. Гулаш сурхи лолагун, кӯзачамонанд ё зангӯлашакл; дар нӯги навдаҳои навруста тоқа-тоқа ё тӯда-тӯда ҷой мегирад. Гулҳои нахустинаш калон буда, самар меоваранд; гулҳои баъдина ва инкишофашон суст аз дарахт мерезанд. Меваи А. курашакл (қутраш 12 – 18 см, вазнаш 200 – 600 г, баъзан то 1 кг) буда, 400 – 700 дона дорад; сент. – ноябр мепазад (дар нӯги мева косагул боқӣ мемонад). А.-и худрӯй дар ноҳияҳои кӯҳсори Осиёи Хурд, Закавказия, Эрон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Ҳиндустони Шим. Ғарбӣ дучор меояд. Дар Тоҷикистон дар нишебиҳои к-кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз ва Қаротегин вомехӯрад. А.-ро асосан дар водиҳои Вахшу Кофарниҳон мепарваранд. Такр. 80 фоизи боғоти меваҳои субтропикии ҷумҳуриро А.-зорҳо ташкил медиҳанд. А. дарахти гармидӯст ва ба хушкию сармо тобовар аст. Дар минтақаҳои захираи солонаи гармиашон 5000 – 5500°С ва дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ (баландиҳои 500 – 600 м аз с. б.) ҳосили хуб медиҳад. Дар сармои 16 – 18°С нобуд мешавад. Бинобар ин дар аксар ноҳияҳои ҷумҳурӣ зимистон буттаҳои А.-ро хокпӯш мекунанд. Дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ ба хокпӯш кардани А. ҳоҷат нест. А. дар гилхокҳои ҳосилхез беҳтар нашъунамо мекунад. Онро аз қаламчаи буттаҳои серҳосил, *фаргон, бехҷаст* ва бо роҳи *пайванд* зиёд мекунанд. Қаламчаҳоро аз рӯи тартиби 5 × 3 ё 4 × 2 м мешинонанд. Ба ҳар га замини А.-зор 20 т пору ва нуриҳои минералӣ – нитроген (120 – 150 кг), фосфор (90 кг), калий (50 – 60 кг) пошида об мемонанд, ҳашароти зараррасонро маҳв месозанд. Авв. баҳор



Меваҳои анор.

бехҷаст ва навдаҳои камқуввату хушкидаи А.-ро бурида, хоки атрофи буттаҳоро нарм мекунанд. Ниҳоли А. соли 2 – 3-юм бор оварда, дар соли 6 – 7-ум пурра ба ҳосил медарояд (30 – 40 сол ҳосили фаровон медиҳад). Аз ҳар буттаи А. 15 – 60 кг ва аз ҳар га А.-зор 6 – 8 т ҳосил гирифтан мумкин аст. А.-ро тар мехӯранд, аз он афшураи А. аз 8,22 то 19, 70% қанд ва 0,20 – 9,05% ҷавҳари лиму, танин, 7 –10 мг% витамини С, 12 мг% кислотаи аскорбинат, кислотаи фолиат, витаминҳои B_1, B_2, моддаҳои пектинӣ, пайвастҳои калсий, калий, оҳан, фосфор мавҷуд аст. Тухмаш 12 – 17% равған дорад (аз он локҳои баландсифат тайёр мекунанд). Пӯсти меваash 19 – 60% моддаҳои даббоғӣ, 5 – 6% моддаҳои пектинӣ, 20 – 25 мг% кислотаи аскорбинат, 1,65% алкалоидҳо (пеллетерин, изопеллетерин, метилпеллетерин, изометилпеллетерин, псевдопеллетерин), пӯстлохи танаю шохаҳояш то 20 – 28% моддаҳои даббоғӣ, инчунин кислотаҳои гуногуни органикӣ, алкалоид ва ғ. дорад. Аз навдаҳои А. сабад мебофанд. Аз гулбарг ва пӯсти мевааш барои ранг додани матоъҳои гуногуну қолинҳо ранг тайёр мекунанд. Меваи А.-и худрӯй барои истеҳсоли ҷавҳари лиму, танин, моддаҳои пектинӣ ва ғ. ашёи хом ба ҳисоб меравад.

Буқрот оби А.-ро барои дармони дарди меъда, пӯсти онро барои илоҷи ихтилоли рӯдаҳо кор мефармуд. Абуалии Сино бо гули А. хунравӣ, бемориҳои гулӯ, исҳоли хунинро даво мебахшид, таби маризро мефароварда. Дар «Махзан-ул-адвия» омада, ки «...беҳтарини он бӯстонии ширини бедона аст... Латифтар аз соири навъи он ва беҳтарини он расидаи бузургдонаи шодоби он аст... Камғизо ва тавлидкунандаи хилти солеҳ буда, нафрох (боддор) ва ҷолӣ (поккунанда аст); муфаттеҳ (кушоянда) ва мулоимкунандаи батн ва мудирри бавл (бавловар) ва муриси (сабабгор) ташнагӣ аст. Ва ҷиҳати тақвияти ҷигар... ва яракон, сипурз, тапидани дил, дарди сина, сурфаи ҳорр, ҷиҳати соф кардани овоз ва фарбеҳ кардани бадан ва гузаштани ғизо... ва ба некӯии ранги рухсор нофеъ аст». Бо афшураи он бемориҳои дилу раг, меъда, ангина, зиқи нафас (астма), варача, камхунӣ, камиштиҳоӣ, ихтилоли мубодилаи моддаҳоро муолиҷа мекунанд. Муқаррар шудааст, ки пӯсти А. фаъолияти қаламчамикробҳои тиф, сил, бемориҳои рӯда, исҳоли ху-

нин, вибрионҳои вабо ва ғ-ро фурӯ менишонад. Ҷӯшоби барги А. бактерияҳоро маҳв месозад, ба ҷисм нерӯ мебахшад. Дар Тоҷикистон асосан навъҳои *Қазоқанор, Сурханор, Туршидона* ва *Шоҳанорро* мепарваранд. Аз с. 1973 навъи мулоимдонаи Десертӣ парвариш карда мешавад, ки онро Розанов Б. С. рӯёндааст. Алҳол дар *Институти богпарварию сабзавоткорӣ* навъҳои мулоимдонаи Сурханори ҳисорӣ, *Калонмеваи ҳисорӣ, Армугон, Шайнакӣ* санҷида мешаванд. Буттаи онҳо миёна ва баланд буда, зимистон хокпӯш карда намешаванд. Навъҳои мулоимдона ва қадпасти А. низ рӯёнда шудаанд, ки хуштаъму хушсифат буда, барои ба воситаи мошин хокпӯш кардани онҳо имконият фароҳам меоянд. Буттаи А. бештар аз касалии *тосак, ширинча,* канаи сурх, кирми шапалаки анор зарар мебинад. А.-и худрӯй ба «Китоби сурхи Тоҷикистон» дохил карда шудааст.

Ад.: Гулов С. М., Меваҳои гармудӯсти Тоҷикистон, Д., 2005; Рекомендации по возделыванию субтропических культур в Таджикской ССР, Д., 1985; Шапкин А. А., Выведение средне и слаборослых удобных для механизированного укрытия мягкосемянных сортов граната. Тезисы докладов Республиканского научно-практического семинара «Прогрессивная система возделывания субтропических культур в условиях субтропиков Таджикистана», Д., 1987.

С. Гулов.

АНОРА́ (тахаллус, насаб ва номи пурраяш Остонова Норинисо Абдуллоҷоновна; 2. 12. 1939, Душанбе – 29. 11. 2004, ҳамон ҷо), тарҷумони тоҷик. Коркуни хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷ. (1986). Хатмкардаи фак-ти таъриху филологияи УДТ (1962). Муҳаррири хурд, муҳаррир, муҳаррири калон, мудири шӯъбаи тарҷумаи бадеӣ, ҷонишини сармуҳаррири нашриёти «Ирфон» (1962 – 87), директори нашриёти «Адиб» (1987 – 90), муовини раиси Комитети давлатии РСС Тоҷ. оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб (1990 – 94). Аз с. 1994 Сардори раёсати табъу нашри Вазорати фарҳанги ҶТ. Фаъолияти тарҷумонии А. аз авв. с.-ҳои 60 а. 20 оғоз ёфтааст. А. чандин асарҳои нависандагони замони шӯравӣ ва хориҷиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Тарҷумаи «Медалитилло»-и Е. Снегирев (1963), «Ҳикояҳо дар бораи Ленин»-и О. Матюшин (1964), «Ҷаллод ташнаи хун аст»-и Н. Фрид (1965), «Повестҳо»-и П. Қодиров (1966), «Зане аз Бай Шао»-и Буй Дик Ай (1970), «Марта»-и Э. Ожешко (1987), «Шакино»-и Б. Лопес (1979), «Боди мухолиф»-и А. Лупан (1982), «Зиндагӣ оби равон»-и В. Нуруллин (1984), «Адоват»-и Вс. Иванов (1987) ва ғ. ба қалами А. тааллуқ доранд. Бо ордени «Нишони фахрӣ» (1976), медали «Ветерани меҳнат» (1987) сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1984.



Ф. Каримов.

АНОРГУ́Л, гули анор, норгул, гули нор, як навъ нақшест дар санъати ороишию амалӣ ва тасвирӣ. Аз сабаби зебову нозук ва хушбӯй будан, инчунин иртибот доштан ба тибби қадимаи халқию баъзе урфу одат, нақши гули анор дар санъати наққошӣ мақоми хосе дорад. А., ки аксар ба нақшу тасвирҳои ботии гули анор ва баъзан меваи анор асос ёфтааст, аз қадимуллайём дар байни мардуми Шарқ маъмул буд. Деворнигораҳои Панҷакенти Қадим (а-ҳои 5 – 8), сутунҳои кандакории болооби Зарафшон (а. 10), рафҳои чӯбии пардозёфтаи мақбараи Лангарбобо (деҳаи Чоркӯҳи ноҳ. Исфара, а-ҳои 10 – 12), дарвозаҳои кандакории мақбараи Муҳаммади Бошоро (а. 14) ва дигар мадрасаву мақбараҳои Самарқанду Бухоро, Конибодому Исфара гувоҳи бостонӣ будани ин навъи нақшанд. Унсурҳои қадимаи ин навъи нақш то ба даврони мо низ расида, дар санъати наққошиву гулдӯзӣ (сӯзаниҳо, бардеворихо, тоқиҳову борпӯшҳо ва ғ.) ҳам истифода бурда мешаванд.

М. Рӯзиев.

АНОРЕ́КСИЯ (Anorexia), набудани иштиҳо (дар ҳолати вуҷуд доштани талаботи физиологӣ ба он). А. дар натиҷаи ихтилоли фаъолияти маркази тағзия ба вуҷуд меояд. Сабаби А. бемориҳои рӯҳӣ, ихтилоли фаъолияти ғадудҳои дохилӣ, захролудшавӣ, халал ёфтани мубодилаи моддаҳо, бемориҳои узвҳои ҳозима (гастрити шадид, саратон, гастродуоденит ва ғ.), ғизои якхела ва бемаза, истеъмоли доруҳои гуногун, бемориҳои сироятӣ ва ғ. мебошанд. Ҳангоми дер давом кардани А. муқовимати организм суст ва ҳассосияти он нисбат ба бемориҳо зиёд мешавад. Дар кӯдакони хурдсол А. дар натиҷаи зӯран макондан ва риоя накардани қоидаҳои ғизодиҳӣ ба амал меояд. А. метавонад аломати ягон беморӣ ё худ бемории алоҳида бошад (А.-и алоимӣ). Дар мавриди охирӣ А. дар натиҷаи вокуниши асабӣ ба таъсироти номатлуби гуногун рух медиҳад.

Муолиҷаи А.-и алоимӣ бояд ба рафъ сохтани бемории асосӣ равона шавад. Гоҳо ба табобати рӯҳӣ низ эҳтиёҷ меафтад. Ҳамчунин обутоби силсилаи асаб (сайругашт дар ҳавои тоза, обшифоӣ, истифодаи доруҳои таскинбахш) ва машғул шудан ба кори дилхоҳ низ манфиат мерасонад.

АНОРИСТО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Мичурини ноҳ. Восеъ. Аз А. то маркази ноҳия 18 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 3254 нафар (2009), тоҷикон. А. бунгоҳи тиббӣ дорад. Мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаи Меҳнатобод таҳсил мекунанд. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғу токдорӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ ва пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Ёхсу обёрӣ мешаванд.

АНОРТИ́Т (аз юн. anortos – кач, уреб), минералест аз гурӯҳи *шпатҳои дашт*ӣ (*плагиоклазҳо*). Аз рӯи таркибаш ба алюмосиликатҳо мансуб аст. Формулаи химиявии А.-и тоза $Ca(Al_2Si_2O)$ аст, ки дар ин ҷо CaO – 20,1 %, Al_2O_3 – 36,7% , SiO_2 – 43,2 % мебошад. А. беранг ё сафед, хокистарранг, баъзан зардчатоб ва сурхчатоб буда, ҷилояш шишамонанд, шикасташ ноҳамвор, аз шаффоф то нимшаффоф мешавад. Сахтиаш 6 – 6,5, зичиаш 2760 кг/м^3. А. асосан дар шакли агрегатҳои донаҳои вайроншакл ва кристаллҳои призмашаклу лавҳамонанд вомехӯрад. Дар силикатҳои магнийю оҳандор, инчунин дар метеоритҳо мавҷуд аст. Ба шакли тоза хеле кам вомехӯрад. Дар истеҳсоли сафол корбаст мешавад.



Анортити хокистарранг.

АНОРТОЗИ́Т, лабрадорит, плагиоклазит (франс. anorthose – *плагиоклаз*), ҷинси кӯҳии донадори гурӯҳи габбро. Қариб 80 – 90% аз плакиоглаз таркиб ёфта, каме сливин, пироксен, магнетит, титаномагнетит ва ғ. дорад. Рангаш аз сафед то хокистарранги баланд мешавад. Зичиаш – 2710–3050кг/м^3. Мувофиқи сол А.-и марҳилаҳои гуногуни ташаккули Замин (2 – 4 млрд сол) ва марҳилаи усту-



Анортозити ороишӣ.

воршавии *платформаҳои* қадимро фарқ мекунанд (1,7 – 2 млрд сол). Охирӣ тасмаи анортозитии бузургро ташкил медиҳад, ки аз ғарб платформаи Европаи Шарқиро иҳота мекунад. А. яке аз қадимтарин ҷинсҳои қишри Замин мебошад. Ғайр аз ин амсилаҳои А.-и заминӣ дар таркиби хоки Моҳ вомехӯрад. Тахмин меравад, ки А. нахустин моддаи дар қишри Замин кристаллизатсияшуда аст, ки боиси оғози рушди ҷинсҳои кӯҳӣ гаштааст. Ҷуссаҳои бузурги А. дар минтақаҳои истихроҷи ҷинсҳои кӯҳии қадимтарин вомехӯрад. А. ҳамчун маводи кошинкорӣ ва ороишии биноҳо истифода мегардад.

АНОСИ́Р (ҷамъи унсур), дар фалсафаи антиқа аввал ҳарфҳои алифбо, минбаъд маҷмӯи унсурҳоро ифода мекард. Асҳоби зарра (атомистҳо) таносуби атомҳоро ба таносуби ҳарфҳо монанд мекарданд, ки ба тавассути онҳо матнҳои гуногун ба вуҷуд меомаданд. Ифодаи маҷозии А.-ро ҳамчун ҷисмҳои содаи эҳсосшаванда бори аввал Афлотун истифода бурд, вале А.-и *Афлотун* аз чаҳор рукни Эмпидокл (хок, об, ҳаво, оташ) фарқ мекард. Дар таълимоти *Арасту* А. маънои маҷозии худашро гум карда, ба қолаби истилоҳи фалсафӣ даромад ва дар назарияи ҳастӣ, маърифат, илми мантиқ ва кайҳоншиносии ӯ васеъ истифода шуд. Дар «Метафизика»-и Арасту истилоҳи мазкур ҳанӯз аз аҳамияти «сифатӣ» холӣ набуд, аз чаҳор «сабаб» ё худ принсипи ҳастӣ фақат А.-и моддаю сурат мабдаъҳои сиришӣ доштанд, вале минбаъд мазмуни истилоҳи А. маҳдуд шуда, ҳамон обу хок ва ҳавою оташро ифода мекардагӣ шуд, ки дар афкори фалсафии мутафаккирони Шарқ бо номи *чаҳор унсур* маълуму машҳуранд.

АНОСМИ́Я (аз юн. an – ҳиссачаи инкорӣ ва osme – бӯй), набудани эҳсоси *шомма.* А. ҳангоми тағйироти луобпардаи бинӣ (варам кардани он, мавҷудияти полип, омос, каҷ шудани девораи бинӣ, атрезияи роҳи бинӣ ва ғ.), зуком, назла, грипп, баъзан дар вақти бемориҳои майна мушоҳида мешавад. Ҳангоми А. ҳисси зоиқа низ коҳиш меёбад. Барои табобати А. сабабҳои онро рафъ намудан лозим аст. Суст гаштани эҳсоси шоммаро *гипосмия* меноманд.

АНОҲИ́ТА, Ноҳид,ниг. *Аредвисура Аноҳита*.

АНОЯТБЕ́КОВ Музаффарбек (тав. 10 . 8. 1958, деҳаи Пиши ноҳ. Шуғнон), байтор, доктори илмҳои байторӣ (1997), узви вобастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (2001). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1982). Аспиранти Ин-ти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии ш. Москва (1984 – 87), корманди илмии Ин-ти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии Тоҷикистон (1988 – 93), корманди Ин-ти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии ш. Вишнийи Федератсияи Россия (1997 – 2000), директори Пажӯҳишгоҳи осиёимиёнагии оқсил (2000 – 08). Аз с. 2008 директори корхонаи илмию истеҳсолии «Маводи биологӣ». А. муаллифи 110 таълифоти илмӣ, 10 ихтироъ ва се навъи ваксина бар зидди касалиҳои сироятии ҳайвонот мебошад.



Ос.: Эпизоотологическая эффективность вакцины против гастроэнтерита и ротовирусной болезни свиней, Д., 1991; Оценка изотепического распространения антител к вирусу трансмиссивного гастроэнтерита свиней в секретах молочных желез иммунных свиноматок, мач. «Селхозбиология», № 214, 1998; Доксиветин – антибиотик пролангированного действия, мач. «Ветеринария», № 6, 1999.

АНСА́Б Мансурхоҷаи Бухороӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 19). Дар Бухоро зиндагӣ ва эҷод кардааст. Тазкиранависон, аз ҷумла Возеҳ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» аз ӯ чун шоири боистеъдод ёд кардаанд. Аз илмҳои маъмули замонаш, инчунин аз рамл ва ҳисоб воқиф будааст. Намунаҳои ашъораш дар тазкираҳои Возеҳ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ сабт гардидаанд, ки онҳо асосан аз ғазалиёт иборатанд. Абёти зерин аз А. мебошанд:

Дурри маънӣ ба каф оварданат осон набувад,
Табъи мавзуни хушу фикри муаттар даркор.
Чи гуҳарҳо, ки нашуд ҳосилам аз баҳри хаёл,
На маро орзуи лаълу на гавҳар даркор.
Ҳар кӣ дар дил ҳаваси Кавсару тубо дорад,
Нест моро ба ҷуз он сарви суманбар даркор…
Ансаб аз баҳри тамошои арӯси маънӣ,
Дили покиза, чу миръоти Сикандар даркор.

Ад.: Айнӣ С., Намунаи адабиёти тоҷик, Д., 2010.

Ҳ. Қаландаров.

АНСА́Л, ниг. *Анзур.*

АНСАМБЛ, 1) дар мусиқӣ асарҳое, ки аслан ҳайатҳои камшумори ҳунарӣ (машшоқон ё мутрибон) вобаста ба теъдоди ҳунармандон (ба истилоҳ А.-и каморӣ), дуэт (хониши 2-нафарӣ), трио ё терсет (3-нафар), квартет (4 нафар), квинтет (5 нафар), секстет (6 нафар), сестет (7 нафар), октет (8 нафар), нонет (9 нафар), детсимет (10 нафар) ва ғ. иҷро мекунанд. Аксар чунин ҳайатҳои хурд мувофиқи сози мусиқӣ ном мегиранд: дуэти фортепианӣ, квартети торӣ, квинтети нафасӣ ва ғ. Ҳамчунин коллективҳои хор, оркестр ва балетро низ А. мегӯянд. Дар мусиқии а-ҳои 16 – 18 шаклҳои мухталифи А.-ҳои бисёровоза ба вуҷуд омаданд. Дар а. 20 А.-ҳо бо иштироки созҳои нафасӣ ва зарбӣ бештар маъмул гардиданд. Инчунин қисми томи асарҳои мусиқӣ – операҳо, ораторияҳо, кантатаҳо, ки аз тарафи гурӯҳи сароянда бо ҳамроҳии оркестр ва ё бе он иҷро мешаванд, А. ном дорад; 2) дар театр – мавзунӣ ва мутобиқати ҳунарнамоии актёрон. А. дар спектакл ҳангоме эҳсос мегардад, ки агар актёрон дар ҳамкории якдигар афкор ва вазифаи хешро ба тақозои саҳна ҳамоҳангу мутобиқ кунанд ва намоиши саҳнавиро муназзаму мавзун ба тамошобинон пешкаш намоянд. Дар тӯли санъати театрӣ А. аз а. 16 борҳо шаклану мазмунан тағйир ёфта, имконоти он низ васеъ гардиданд ва баъдан ду шакли А. ба вуҷуд омад: А.-и зоҳирӣ (ягонагии тамоми ҷузъиёти спектакл: декоратсия, ранг, рӯшной, садову овоз, аксҳои мизанссена, ритм ва амсоли инҳо) ва ботинӣ (мундариҷаи ғоявии асарҳои саҳнавӣ). Дар театрҳои замонавӣ қонуниятҳои А. асосан эҷодӣ мебошанд, ки фаъолияти К. С. Станиславский, И. И. Немирович-Данченко ва амалиёти режиссёрони машҳур Б. В. Вахтангов, К. А. Марҷанашвилӣ, аз тоҷикон Ҳ. Раҳматуллоев, Е. И. Мителман, С. Саидмуродов ва дигарон мушоҳида мешуд; 3) гурӯҳи артистоне, ки ҳамчун ҳайати ягонаи бадеӣ (мас., А.-и рақсҳои халқӣ ва ғ.) баромад мекунанд. Дар ҷумҳуриамон А.-ҳои рақсии *«Лола», «Зебо», «Фирӯза»,*

«Ҷаҳоноро», «Падида», А.-и эстрадии *«Гумшан», Ансамбли давлатии «Шашмақом»-и* ба номи Ф. Шаҳобов, Ансамбли рубобчизанони Филармонияи давлатии Тоҷикистон, ансамблҳои фолклорию этнографии *«Фалак», «Ганҷина»*, ансамбли вокалӣ-инструменталии «Дарё» ва ғ. амал доранд. *М. Ҷӯрабекова.*

АНСА́МБЛИ ДАВЛАТӢИ «ШАШМАҚО́М»-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов, ҳайати эҷодӣ, ансамбли мукаммали овозхонон ва мутрибони Комитети тезевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати ҶТ. А. с. 1964 дар заминаи Ансамбли шашмақомхонон (с. 1946 дар назди Комитети радиои ҷумҳурӣ таъсис ёфт, ки роҳбараш Б. Файзуллоев буд) бо ибтикори Ф. *Шаҳобов* ва Ш. *Соҳибов* дар назди Камитети давлатии Совети Вазирони ҶШС Тоҷ. оид ба радиошунавонӣ ва телевизион ташкил шуда ва унвони Ансамбли ҳофизони мақомхонро гирифт. Соли 2000 бо фармони Президенти ҶТ ба ансамбл номи А. дода шуд. Пайваста омӯхтан, такмил додан ва тарғиб намудани сарвати бузурги маънавии тоҷикон – «Шашмақом» вазифаи асосии А. ба шумор меравад. Ба А. то с. 1966 Ф. Шаҳобов, то 1973 Ш. Соҳибов роҳбарӣ карда, дар ҷалб намудани ҳунарварони хушсалиқаи ҷавон ба ин ансамбл ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Солҳои 1973 – 79 ба ансамбл А. Бобоқулов роҳбарӣ кард. Солҳои баъдӣ Б. Ниёзов, Д. Қурбонов, М. Эргашева, А. Абдурашидов роҳбари А. буданд. Ҳоло Ф. Саидов роҳбари А. мебошад. Ансамбл дар давоми фаъолияти эҷодӣ «Шашмақом»-ро пурра ба лентаи магнитофон сабт намуд, ки ин хидмати бебаҳои таърихӣ барои фарҳангамон аст. Ҳоло сабти тамоми шӯъбаҳои «Шашмақом» дар фонди тиллоии Радиои тоҷик маҳфуз аст. А. дар Симпозиумҳои байналхалқии иҷрокунандагони мусиқии халқии анъанавӣ ва классикӣ дар ш-ҳои Самарқанд (1978, 1983, 1987), Теҳрон (2000), Исфара (2003), Душанбе (2006) ҳунарварӣ карда, бо дипломҳои дараҷаи I мушарраф гардидааст, иштирокдори рӯзҳои фарҳанги тоҷик дар ЮНЕСКО (Париж, 2005) мебошад. А. ба воситаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ мунтазам баромад мекунад. Мақомхонони шинохта ва созандагони номӣ М. Баҳодуров, Н. Аминов, Б. Исҳоқова, М. Ҳомидов, Н. Тоштемиров, А. Ҳошимов, К. Қосимов, Ф. Сайдуллоева, А. Солиев, М. Муҳиддинов, М. Исҳоқбоева, Т. Иброҳимова, Л. Баракаева, А. Ҳасанов, Н. Шоулов, М. Мӯъминов, Я. Аълоев, Д. Мӯъминшоев, Ё. Бободӯстов ва дигарон дар пешбурди фаъолияти А. ҳиссаи босазо гузоштаанд. Беҳтарин анъанаҳои устодонро ҳоло сароянда гон ва созандагони бомаҳорат Ш. Муҳиддинов, Л. Азизова, А. Абдуллоев, С. Наҷмиддинова, Ш. Ҳошимова, С. Умарова, Ф. Саидов, Л. Мӯъминова, О. Ашӯрова, Ҷ. Қӯзиев, Д. Гулов, А. Ҷалолов, Ш. Ҳомидов, Ҷ. Эргашев, Т. Раҳимов ва дигарон идома медиҳанд. Баробари омӯзиш ва тарғибу таблиғи «Шашмақом» А. асарҳои композиторони тоҷикро дар барномаҳои худ дохил карда, бо дигар дастаҳои ҳунарии ҷумҳурӣ алоқаи мустаҳками эҷодӣ дорад ва мутобиқи талабу дархостҳои ҳаёти имрӯз амал мекунад. Саҳми А. дар пешрафту такомули ҳамаҷонибаи мусиқии касбии тоҷик калон аст.

Ад.: Азизова Ф., Шашмақоми рага, Д., 1999; Низомов А., Таърих ва назарияи Шашмақом, Д., 2006; Ҳакимов Н., Шашмақом дар асри XX, Хуҷанд, 2006; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009. *А. Раҷабов.*

АНСА́МБЛИ МЕЪМОРӢИИ ҲИСО́Р, силсилаи ёдгориҳои меъмории а-ҳои 16 – 18-и Ҳисор, ки дар 25 км ҷанубии ш. Душанбе дар мавзеи *Қалъаи Ҳисор* бино ёфтаанд. А. бо мурури замон валангор гардида, қисман боқӣ мондааст. Иморатҳо гирдогирди майдон, ки аз ҷан. шарқии Дарвозаи Қалъа сар мешавад, ҷой гирифтаанд. Имрӯз аз А. фақат Дарвозаи Қалъа, Масҷиди Кӯҳна, Масҷиди Нав. *М. Мамадназаров.*

АНСА́МБЛИ МЕЪМОРӢ, якҷоягию якоҳангӣ ва мутаносибии маҷмӯи биноҳо, иншооти инженерӣ, тасвироти монументалӣ, муҷассамаҳо ва гулгаштҳо. Дар А. м. шароити маҳал (релеф, ҳавзу кӯлҳо, долу дарахт ва ғ.) мавқеи муҳим дорад. Ансамблҳои меъморӣ якбора аз рӯи нақшаи ягонаву услуби хос ва ё дар муддати дароз бо роҳи илова кардани биноҳою иншооти нави услубии дигар ба маҷмӯи биноҳои аввала шакл мегиранд. Дар ҳолати дуюм ҳаҷм ва ченаки асосии иншооти кӯҳнаву навро мутобиқ кардан зарур аст. Аксари ансамблҳои меъморӣ дар муддати тӯлонӣ ба амал омадаанд. Мас., Кремли Москва, Майдони назди қаср дар Санкт-Петербург ва ғ. Дар Осиёи Миёна чунин ансамблҳо ҳанӯз дар а-ҳои 11 – 12 қариб дар ҳамаи шаҳрҳо пайдо шудаанд. Мас., дар маркази ш. Урганҷ А. м., ки дар а. 10 бино ёфта буд, аз қасрҳои Маъмун ва писари ӯ Алӣ, дарвозаи Ҳуҷҷоҷ ва майдони фарохи байни онҳо иборат аст. Ба А. м.-и маркази Марв биноҳои масҷид, қаср ва Мақбараи султон Санҷар дохил мешуданд. Дар Самарқанд А. м.-и Шоҳи зинда дар атрофи мақбараи Қуссам ибни Аббос (а-ҳои 13 – 15) ва А. м.-и *Регистон* иборат аз мадрасаҳои Улуғбек, Тиллокорӣ ва Шердор (а-ҳои 15 – 17) шакл ёфт. Чунин А. м. дар Узганд (се мақбараю як манора), Баласоғун (ду мақбараю як манора), Ҳисор (қалъа, ду мадраса, мақбара, масҷид ва корвонсарой) ва дигар шаҳрҳо вуҷуд доштанд. Машҳуртарин А. м.-и қадим



Ансамбли меъмории Ҳисор.

Мусаллои Ҳирот будааст, ки он аз рӯи нақшаи ягона, дар як вақт аз тарафи меъмори машҳур Қавомуддин Алӣ сохта шуда, аз якчанд бино – масҷид, мадраса, манора, гулгашт ва фавворахо иборат будааст. Ҳоло дар маркази ҳар шаҳр як ё якчанд А. м. ҳаст. А. м.-и Майдони ба номи С. Айнӣ, ҳайкали Исмоили Сомонӣ, Қасри миллат (ҳама дар ш. Душанбе) аз намунаҳои А. м.-и ҳозираанд.

Ӯ. Пӯлодов.

АНСА́МБЛИ ТАРОНА́ ВА РА́ҚСИ ПОМИ́Р, ҳайати эҷодии сарояндагону машшоқон ва раққосон, ки с. 1955 дар заминаи Ансамбли этнографии бачагонаи Помир дар назди Филармонияи давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт. Он қариб 60 нафар беҳтарин истеъдодҳои халқии Бадахшонро гирд оварда. Омӯзишу такмилдиҳӣ ва тарғиби санъати халқии сарояндагию навозандагӣ ва рақсии мардуми Бадахшон аз ҳадафҳои асосии А. ба шумор мерафт, аммо дар барномаҳояш суруду тарона ва рақси на танҳо манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ, балки дигар халқҳо низ мавқеи хос доштанд. А. бо барномаҳои консертӣ қариб дар ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва як қатор давлатҳои хориҷӣ санъати миллии тоҷиконро муаррифӣ кардааст. А. дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва (1957), Фестивали VI умумиҷаҳонии ҷавонону донишҷӯён дар ш. Москва (1957) иштирок дошт. Сюитаҳои созию овозии «Шодиёна», «Суруд ва муҳаббат», бадеҳаҳои «Акрамҷони сеторӣ», «Дилбари ҷон», «Умеди ман», сюитаи бисёровозаи мусиқӣ-рақсии «Эй парӣ», саҳначаҳои ҳаҷвии «Ялалбобо», «Як гурбаю ду гурба», таронаҳои «Имшаб қамар ин ҷост», «Нола кунам», «Салом аз Бадахшон», «Маҳбуба», «Баҳори Бадахшон» ва ғ. дар иҷрои ҳайати А. дар хазинаи Радиои тоҷик маҳфузанд. Артисти халқии РСС Тоҷ. Н. *Раҳматова*, Ҳунарпешагони халқии ҶТ Х. *Майбалиев* ва М.*Ҷумъаев*, Ҳофизи халқии Тоҷикистон С. *Абдумамадов*, Артистони хизматнишондодаи РСС Тоҷ. У. Мамадамбарова, У. Машрабов (Усто), М. Паллаев (Масто) ва дигарон аъзои фаъоли А. буданд. А. с. 1961 баъди фавти роҳбари бадеӣ ва мусиқии он Артисти халқии СССР Ғ. *Ғуломҳайдаров* пароканда шуд.

Б. Раҳматов.

АНСО́Р (ал-Ансор – ёридиҳандагон, ёрон), Ансориён, аҳолии ш. Ясриб (Мадина) аз қабилаҳои Авс ва Хазраҷ, ки дар байъатҳои Ақабаи авval ва Ақабаи дуюм ба Пайғамбар (с) гаравиданд, бо ӯ аҳду паймон бастанд ва пас аз ҳиҷрати Пайғамбар (с) ва мусулмонони Макка ба Мадина ба ӯ ва муҳоҷирон дар шаҳри худашон паноҳ дода, онҳоро ёрию ҳимоят карданд. А. аз ҷанги Бадр сар карда, дар тамоми ғазваҳои Пайғамбар (с) иштироки фаъол доштанд, ҷузъи асосии сипоҳи Ислом буданд ва насиби онҳо аз ғаниматҳои ҷанг аз рӯи ҳамин иштироки онҳо муайян мешуд. Баъд аз вафоти Пайғамбар (с) гурӯҳе аз А. хостанд, ки аз миёни худашон касеро ба халифагӣ пешниҳод кунанд, вале зуд аз ин кор даст кашида, шарту аҳкоми ҷойгузинии (халифагӣ) Пайғамбарро (с) пазируфтанд ва ба Абубакри Сиддиқ (р) ҳамчун халифа байъат намуданд. Дар замони футӯҳоти исломӣ бештари А. ба тамоми гӯшаву канори Хилофат пароканда шуданд ва дар ҳар ҷойи сукунати мусулмонон дар маҳаллаи ҷудогона мезистанд ва мавқеъ нуфузи калони сиёсӣ доштанд. А.-и Мадина ҳамчун саҳобагони содиқи Пайғамбар (с) бо ҳам муттафиқ буданд ва худро нигоҳдорандаи ҳақиқии дину суннат мешумурданд ва гоҳо ба сиёсати Умавиён мухолифат мекарданд. Шӯриши с. 683-и онҳо бераҳмона пахш ва аз ҷумлаи онҳо 270 нафар кушта шуданд. Бисёре аз котибони Қуръон, муҳаддисону муфассирони намоён аз байни А. баромадаанд.

М. Умаров.

АНСОРӢ Абуисмоил Абдуллоҳ ибни Абумансур Муҳаммад (10. 5. 1006, Куҳандижи Ҳирот – 1088, Козургоҳи ҳамон ҷо), шоир ва нависандаи мутасаввифи форс-тоҷик, назариётчӣ ва муаррихи тасаввуф, фақеҳ. Бо лақаби Пири Ҳирот ва Шайхулислом низ шӯҳрат дорад. Аз оилаи дӯкондори суфимашраб. Забони арабиро дар кӯдакӣ ёд гирифта, фиқҳ, тафсир, ҳадис ва илми адабро дар мадрасаҳои Ҳирот ва Нишопур омӯхтааст. Имом Шарифи Марғазӣ дар фиқҳ устодаш буд. Ҳадисро дар Ҳирот аз Абулфазл Муҳаммади Ҷорӯдӣ (ваф. 1022) фаро гирифт. Илми тафсир ва ҳадисро А. дар назди донишманди замон Хоҷа Яҳёи Аммор (ваф. 1031) такмил кард. Соли 1020 А. бо Абуабдуллоҳи Тоқӣ (ваф. 1025), ки аз бузургони мазҳаби ҳанбалӣ буд, вохӯрда, фиқҳи ҳанбалиро омӯхт. А. дар эътиқодот даставвал пайрави аҳли калом буд. А.-и чаҳордаҳсола ба Балх омад ва минбаъд шаҳру вилҳои Хуросону Эронро сайру саёҳат намуда, муддатҳо дар Балх, Нишопур, Тус, Бистом истиқомат кардааст. Ӯ дар Рай бо *Бобо Кӯҳӣ* вохӯрда, дар Нишопур ба мулоқоти Абусаиди Абулхайр мерасад. Ниҳоят А. дар 27-солагӣ дар Рай бо суфии машҳур Абулҳасани Харақонӣ вохӯрд. Баъди ин аз ҷамъоварӣ ва тавҷеҳи ҳадис, таълимоти калом даст кашид. Вай с. 1080 бо номи «Замм-ул-калом ва аҳлиҳӣ» («Дар мазаммати калом ва аҳли он») асаре навишта, таълимоти Ашъариро рочеъ ба калом танқид кард ва онро бидъату ботил шумурда, бар зидди мӯътазила низ қиём намуд. Хусусан тафсири ақлонии Қуръонро напазируфт, зеро ба ақидаи ӯ Қуръонро мувофиқи далелҳои созгори ақли инсон шарҳ додан дараҷаи раббонии онро паст кардан будааст. Ошноӣ бо Харақонӣ эътиқоди А.-ро дар тасаввуф устувор гардонд ва аз ин чиҳат мухолифати ӯ бо аҳли калом ва ҳанафиёну ҳанбалиён шиддат гирифт. Соли 1049 мухолифони А. ӯро ба зиндон партофта, дар ҳабсхонаи Фушанҷ, ки дар беруни Ҳирот воқеъ буд, нигоҳ медоранд. Ба ҳамин сабаб ӯро боз ду бор зиндонӣ ва се бор бадарға мекунанд, вале аз ин эътиқоди ӯ ба тасаввуф суст нашуд. Минбаъд ӯ фақат чун орифи тайкунандаи манзилҳои муҳаббат ва мурағғиби ин маслак фаъолият нишон дод. А. ду бор ба ҳаҷ рафт ва ҳангоми сафарҳо бо бисёр ҳаммаслакони хеш мулоқот намуд. Бояд гуфт, ки А. аз суфиёни эътидолӣ буд, шариат ва тариқатро аз ҳам ҷудо накарда, онҳоро дар роҳи дарёфтани ҳақиқат ба ҳамдигар ёвар шумурда мекӯшид, ки тасаввуфро бо исломи расмӣ оштӣ бидиҳад.

А. дар радду қабули самоъ боэҳтиёт буда, дар ин бора ошкоро чизе намегӯяд. Назариёти тасаввуфии А. чун тамоми тасаввуф поя ва асоси илмӣ надорад. Бо вуҷуди ин дар таълимоти А. чиҳатҳои муҳим ва арзишманд низ ба назар мерасанд, ки ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Инсондӯстӣ аз ҷумлаи ҳамин чиҳатҳои салими ақоиди ӯст, ки дар танқиди беадолатиҳои замон, зулму золимии давр ва арбоби айём, дар мазаммати ахлоқи замима ва суфиёну рӯҳониёни риёкор, дар тарғиби адолат, ахлоқи ҳамида, ҷавонмардию накӯкорӣ, дӯстӣ зоҳир мешавад. Дар бисёр мавридҳо ин ғояҳо дар омезиш бо таълимоти ирфонӣ ва ақоиди мазҳабии ӯ баён мегарданд. Тамоюлоти халқию мардумпарварӣ дар ҳаҷвияҳои нешдори А., ки ба унвони аъёну сарватмандон, вазирону амирон ва зоҳидони риёкору қаллоб нигаронда шуда буд, бештар аён ме-

гардад. Андешаҳои ахлоқии А., ки рафтори некро тарғиб ва кирдори зиштро маҳкум мекунад, имрӯз ҳам судманданд. А. ба тоҷикӣ ва арабӣ таълифоти бисёре дорад. Тамоми асарҳоеро, ки имрӯз ба А. нисбат медиҳанд, ба се гурӯҳ ҷудо бояд кард: 1) асарҳое, ки А. навиштааст; 2) асарҳое, ки шогирдонаш ва ё пайравони ӯ аз рӯи гуфтаҳои А. ба риштаи таҳрир даровардаанд; 3) асарҳое, ки аслан моли А. нестанд, вале ба ӯ нисбат медиҳанд. Аз гурӯҳи охир се девони ашъорро бояд ном бурд, ки ба А. нисбат дода мешаванд, вале дар асл ҳовии ашъори суханварони гуногун мебошанд. Ду гурӯҳи аввали асарҳои А. аз инҳо иборатанд: «Илоҳинома», ки бо номҳои «Муноҷот» ва «Малфузот» низ маълум аст, «Ганҷнома», «Қаландарнома», «Рисолаи дилу ҷон», «Канз-ус-соликин», «Зод-ул-мусофирин», «Муҳаббатнома», «Рисолаи воридот», «Ҳафт ҳисор», «Сад майдон», «Насоеҳ», «Табақот-ус-суфия», «Манозил-ус-соирин» (бо ин унвон А. ду асар дорад – яке форсӣ, дигаре арабӣ), «Замм-ул-калом ва аҳлиҳӣ» ва ғ. А. адиби форс-тоҷик бошад ҳам, бештар аз 6 ҳазор байт шеъри арабӣ гуфта будааст, ки аз ин миқдор ба ҷуз шеърҳои алоҳида ва абёти пароканда чизе боқӣ намондааст. Асарҳои дигари арабии А. инҳоанд; «Манозил-ус-соирин илал ҳаққ-ул-мубин», «Замм-ул-калом ва аҳлиҳӣ», «Китоб-ул-арбаин», «Ал-Форуқ фӣ сифот» (Ду асари охир роҷеъ ба исботи сифатҳои Офаридагор баҳс мекунанд), «Маноқиб-ул-Имом Аҳмад Ҳанбал», «Илал-ул-мақомот», шарҳи китоби Абубакр Муҳаммад Калободии Бухороӣ (ваф. 1087), «Ат-Таарруф» бо номи «Шарҳут-таарруф лӣ мазҳаб-ит-тасаввуф» ва ғ., ки ҳама доир ба масъалаҳои маслакӣ ва мазҳабӣ баҳс мекунанд. «Манозил-ус-соирин» (таълиф 1082) ҷомеътарин асари А. мебошад, ки дар шарҳи мақомот ва манозили роҳравони тариқат ба арабӣ тасниф ёфта, дар даҳ боб, ки ҳар кадоме даҳ қисмат аст, роҷеъ ба масъалаҳои назарӣ ва амалии тасаввуф, ҳақоиқи ирфон, сайри сулук, иршоди тариқат таълимот пешниҳод карда мешавад. Дар асрҳои баъдина ба «Манозил-ус-соирин»-и А. донишмандони суфимаслак шарҳҳои бисёре навиштаанд. Ин асар с. 1898 дар Теҳрон ба тарзи литографӣ ва с. 1953 дар Қоҳира ба табъ расидааст. Аз осори тоҷикии А. «Канз-ус-соликин», «Зод-ул-мусофирин», «Муҳаббатнома», «Сад майдон» ва «Табақот-ус-суфия» дар омӯзиши ҷаҳонбинии А. арзиши хос доранд.

А. дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз аввалин касонест, ки қиссаи Юсуф ва Зулайхоро дар чаҳордаҳ маҷлис бо номи «Анис-ул-муридин ва шамс-ул-маҷолис» бо наср таҳрир намуда, рамзиёти тасаввуфиро ба тарзи бадеӣ ба василаи образҳои асосии достон баён кардааст. Ин асари А. дар таърихи адабиёти форсу тоҷик чун намунаи хуби насри бадеӣ, чун қиссаи романмонанд аз ҷиҳати мавзӯъ мақоми хос дорад. Нусхаи ягонаи маълум ва қадимаи он таҳти рақами 1458 дар китобхонаи Индиа-Оффис маҳфуз аст. А. шогирдони бисёр дошт, ки ҳикматҳои пурмаънии ӯро навишта мегирифтаанд ва ба ин васила як силсила осори мустақили фикрии А. дар қайди китобат даромада то ба замони мо расидааст. Соли 1056 яке аз шогирдони А. шарҳу тафсирҳои устоди худро роҷеъ ба Қуръон ҷамъ ва тадвин намуда, ба он «Сад майдон» унвон гузошт. Онро донишманди афғон Абулҳай Ҳабибӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва тасҳеҳ (Кобул, 1962) чоп намуд. Аз А. девони алоҳида намондааст. Вале зимни осори мансури ӯ ғазал, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеър ба назар мерасанд. А. дар бис- ёр асарҳояш, аз ҷумла дар ашъори тоҷикиаш ғояи шикасти нафс, мағрур нашудан ба молу ҷоҳ ва аз гузашта дар ин бобат ибрат гирифтанро тарғиб менамояд.

Лирикаи А. самимонаву равон ва аз лиҳози бадеият ва тарзи баён ба сурудҳои халқӣ наздик буда, саршор аз ҳаяҷону азоби ишқи пуршӯр аст. А. дар лирика низ ба ороиши маснӯи шеър, ки хоси шоирони дарбор буд, накӯшида, ба ҷои шӯру шавқи рамзии қасоиди дарборӣ эҳсосоти гарми инсониро ифода намудааст. А. дар муборизаҳои тезутунди идеологии замонаш иштирок карда, бар зидди ашъариён ва мӯътазилиён сахт мубориза бурдааст. Хидмати А. дар баёни зиндагӣ ва ақидаи шайхону идеологҳои тасаввуф чашмгир мебошад. Дар «Табақот-ус- суфия» ӯ дар бораи намояндагони бузурги тасаввуфи пеш аз худаш монанди Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Шиблӣ, Тамистонӣ, Харроз, Қассоби Омулӣ, Абуалии Рудборӣ ва дигарон маълумоти муфид додааст. Се асари А. «Сад майдон», «Манозил-ус-соирин»-и форсӣ ва «Манозил-ус-соирин»-и арабӣ ба масъалаҳои хеле муҳими маърифати тасаввуф оиданд. Дар онҳо А. силсилаи мақомоти тасаввуфро ба тариқи муайян барои пайравони гуногуни тасаввуф тартиб додааст.

Ба ақидаи А. Худо ягона моҳияти мутлақ ва ҳастии кул буда, таҷаллии он боиси ба вуҷуд омадани ақлу олам гардидааст. Дар таълимоти А. Худо чун офаридгори олам, аз як тараф, вуҷуди трансендентӣ буда, бо ақидаи дини ислом мутобиқ аст, вале аз тарафи дигар ӯ ваҳдати вуҷудро эътироф карда, ягонагии ҷавҳарии Худову оламро таъкид менамояд, ки ин ақида моҳиятан ба пантеизми ирфонӣ мегаравад. Дар системаи мураккаби гносеологии А., ки аз яқза (бедорӣ) шурӯъ шуда ба тавҳид меанҷомад, сад мақоми тасаввуфӣ зикру тавсиф шудаанд. Метавон гуфт, ки мутафаккир аз ҷумлаи аввалин шахсонест, ки кӯшидааст назарияи сулуки орифонаро ба низоми муайян дарорад. Дар ин системаи А. масъалаҳои муҳими маърифати тасаввуф, аз ҷумла зӯҳд, яқин, басират, тафаккур, фақр, талаб, эҳсон, сидқ, фано, бақо, мукошафа, муҳаббат ва ғ. таҳлил шудаанд.

А. маърифатро ба се навъ тақсим кардааст: таҳрирӣ, тасдиқӣ ва таҳқиқӣ. Навъи аввали он маърифати сифот ва навъҳо мебошад. Навъи дуюмаш маърифатест, ки ориф дар натиҷаи тааммули амиқ дар ашёю ҳодисаҳо ба вуҷуди сонеъ қоил мешавад. Аммо маърифати таҳқиқӣ ба ваҳдати вуҷуд, ба фанову бақои ирфонӣ мерасонад, яъне зимни он суфӣ моҳиятан бо холиқ як мешавад. Роҳи расидан ба машъуқ ба воситаи ишқ муяссар мешавад ва камоли инсон дар тарки сифатҳои разил мебошад, ки аз онҳо ишқи воқеӣ наҷот меёбад. А. мегӯяд:

То дар раҳи ишқи ӯ мучаррад нашавӣ,
Ҳаргиз зи худии хеш бехуд нашавӣ.
Дунё ҳама бандест бар гардани ту,
Дар банди қабул бош, то рад нашавӣ.

А. дар пешрафти афкори ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ саҳми боарзише гузоштааст. Ӯ зулму ситами синфи ҳукмрони замонашро зери танқид гирифта, касби хислатҳои ҳамидаи инсониро ташвиқу таблиғ кардааст. А. дар рубоиёташ махсусан ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии худро бо ҷуръати бештар баён намудааст. Дар рубоиёташ баъзан васфи ишқу муҳаббати одии инсон, баъзан мунозара бо Худо, эътироз ба ӯ, норизоятӣ аз ҳаёти пурмашаққат изҳор гардидаанд. Бештари рубоиёти А. дар рӯҳияи тасаввуфӣ навишта шудаанд.

Дар баъзе рубоиёташ таблиғи оини ҷавонмардӣ ва футувват ҳувайдост, ки аз алоқаи ӯ бо ин равияи иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

А. дар инкишофи тасаввуф, ақидаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии мардуми тоҷик ва халқҳои ҳамҷавор дар асрҳои миёна хидмати босазое анҷом додааст. Таъсири мероси А. ба Абулмаҷди Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Абдурраҳмони Ҷомӣ равшан дида мешавад.

Ад.: Олимов К., Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ, Д., 1988; Бертелс Е. Э., Суфизм и суфийская литература, М., 1965.

А. Афсаҳзод, К. Олимов.

АНСОРӢ Файзулло (20. 3. 1931, деҳаи Некноти ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, ноҳ. Панҷакент – 28. 4. 1980, Душанбе, дар зодгоҳаш дафн шудааст), шоир ва драманависи тоҷик. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи педагогии ш. Панҷакент (1947) ва фак-ти филологияи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (1951). Муддате дар ҳамин донишкада муаллим буд. Сармуҳаррири шӯъбаи адабию драмавии Идораи радиошунавонии Вазорати маданияти Тоҷикистон (1953 – 56), мудири шӯъбаи адабиёти бадеии Нашриёти давлатии Тоҷикистон (1956 – 59), сармуҳаррири шӯъбаи адабию драмавии студияи телевизиони тоҷик (1959 – 60). Аз с. 1960 муҳаррири калони сарредаксияи Комитети давлатии РСС Тоҷ. оид ба нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. Шеърҳояш аз с. 1948 сар карда дар матбуот ба табъ расидаанд. Китоби нахустинаш – «Калхот ва кабӯтарон» (1954) дар асоси афсонаи халқӣ иншо шудааст. «Гулдастаи дӯстӣ» (1956) нахустин маҷмӯаи ашъори шоир аст. Мавзӯи ашъори ин маҷмӯа ва шеърҳои лирикии дар маҷмӯаҳои баъдинаи А. ҷой гирифта тараннуми ишқи поки инсон, муҳаббату садоқат ба Ватан, ба халқи тоҷик, гиромидошти анъанаҳову суннатҳои миллӣ, эҳтироми калонсолон, пирони рӯзгордида ва ғ. мебошад. Забони ашъори А., чи дар шеърҳои лирикӣ, чи дар достонҳо ва драмаҳои манзумаш содаву равон, фасеҳ, орӣ аз сакта аст. А. шоири вуқӯъгӯ, мушаххаснавис, ифодагари самимитарин эҳсосоти шахс – қаҳрамони лирикӣ мебошад.



Баъдан маҷмӯаҳои А. «Офтоб дар роҳ» «Дур аз шаҳр» (ҳарду 1957), «Гулшан» (1958), «Имтиҳон» (1961), «Шарофат», «Тори илҳом» (ҳарду 1963), «Буттаи гул» (1969), «Оинаи дил» (1973), «Тӯй барпо нашуд» (1979), «Оинаи махмалпеч» (1981), «Сарвати дил» (1982) ва ғ. ба табъ расидаанд, ки дар онҳо достонҳо ва драмаҳои шоир фароҳам омадаанд. Фаъолияти эҷодии А. ба маънои пурра аз достонсароӣ оғоз ёфтааст. Вай муаллифи достонҳои «Гулшан», «Офтоб дар роҳ» (ҳарду 1956), «Дур аз шаҳр» (1957), «Шарофат» (1963), «Дӯстонро то расонад рӯзи тӯй» (1976) мебошад. Қаҳрамонони достонҳои А. ҷавонони деҳотанд. Дар онҳо ташаккули одами нав, орзую омол ва муборизаи қаҳрамон муқобили урфу одатҳои зараровари кӯҳна, мазаммати ашхоси худхоҳу бадтинат ва ғ. инъикоси бадеии худро ёфтаанд. Дар достонҳо нақли муфассали саргузашт ва фаъолиятмандии қаҳрамон мавқеи марказӣ дошта, пояи достони эпикиро дар адабиёти тоҷик устувор кардаанд.

А. ба драманависӣ солҳои донишҷӯ буданаш шурӯъ кард. Драмаҳои манзуму мансури «Имтиҳон», «Ҳаёт ва ишқ» (ҳарду 1958), «Иҷоранишин» (1961), «Ҳукми модар» (1962), «Висол», «Як либос атлас» (ҳарду 1972), «Мактубро ман навиштам», «Духтари актриса» (ҳарду 1973), «Зинапоя» (1974), «Тӯй барпо нашуд» (1978) ва ғ. ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Ҳамаи драмаҳои А. дар Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ, Театри мусиқии мазҳакаи ба номи Камоли Хуҷандӣ, театрҳои Хоруғ, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои Тоҷикистон рӯи саҳна омадаанд. А. дар драмаҳояш ба мавзӯъҳои ахлоқу одоб, виҷдону шарафи инсон, нангу номуси миллӣ, иззату эҳтироми шахс дар ҷомеа, ишқи поку беолоиш ва ғ. даст задааст. Драмаҳои А. ба ҳаёти воқеӣ асос ёфтаанд, пояҳои иҷтимоиашон устувору пурқувват аст. Пйесаи «Имтиҳон» яке аз асарҳои дарозумртарин, маъмултарин, машҳуртарин ва сертамошобини А. мебошад. А. матни либреттои операҳои «Пӯлод ва Гулрӯ» (дар асоси романи Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»), «Шарофат»-ро (дар асоси достони худаш) таълиф намудааст. Намоиши операи «Пӯлод ва Гулрӯ» с. 1957 дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор шуд. Шеърҳои А. дар китобҳои дарсӣ ва баёзу маҷмӯаҳои муштарак дарҷ гардидаанд. А. шоири суруднавис мебошад. Оҳангсозони тоҷик бисёр шеърҳои ӯро ба оҳанг даровардаанд.

Китобҳои А. «Офтоб дар роҳ» (1957) ва «Ситораи муҳаббат» (1967) ба забони русӣ дар ш. Душанбе ба табъ расиданд. Асарҳои А. инчунин ба забонҳои украинӣ, белорусӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Бо медали «Барои меҳнати шоён. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди Владимир Илич Ленин», Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Белорусия сарфароз гардидааст. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1954.

Ад.: Шарифов Х., Ҷустуҷӯи илҳом, маҷ. «Садои Шарқ», 1972, № 11; Бобо Ҳоҷӣ, Ҳасрат бишуд ин орзу, маҷ. «Садои шарқ», 1981 № 3; Акбарзода Ю., Меҳри Ватан, Д., 1989.

Ю. Акбарзода.

АНСОРӢ БОЯЗӢД (1524, ш. Ҷоландҳари Ҳиндустон – 1572, ш. Ҳаштнигари Покистон), муассиси таълимоти динӣ ва миллӣ дар миёни афғонҳо. Дар тифлиаш хонаводаи онҳо аввал ба мулки Биҳор ва баъдан ба Вазиристон (воқеъ дар Покистони кунунӣ) ҳиҷрат кардааст. Аз с. 1546 А. Б. ҳамроҳи падараш ба тиҷорат шуғл варзида, дар яке аз сафарҳои тиҷоратӣ бо намояндаи мазҳаби исмоилия Сулаймон ошноӣ пайдо мекунад. Таъсири Сулаймон ба ташаккули ақидаҳои ӯ нақш гузоштааст. А. ба омӯзиш ҷиддан шуғл варзида, ҳафт дараҷаи сайри сулукро мепаймояд ва савмаае сохта, нахуст ҳамсараш ва чанд тани дигарро ба чилланишинӣ водошт. Чун теъдоди муридонаш рӯ ба фузунӣ ниҳод, барои дар дигар минтақаҳо интишор додани таълимоташ муовинон баргузид. Ҷавҳари аслии таълимоти А. чунин аст: маърифати ҳақ фарзи айн аст ва ин маърифат, ки бидуни он тоату ибодат ва хайру садақа мақбули Худованд нахоҳад шуд, ҷуз аз тариқи «пири комил» ҳосил намешавад. Ва ӯ аҳли шариат, тариқат, ҳақиқат, маърифат ва мазҳари ҳақоиқи илоҳӣ мебошад. Рӯҳаш дорои сифатҳои илоҳист. Итоат ба ӯ бар ҳамагон фарз аст. Итоати ӯ итоат аз паёмбар, Алӣ ва аз тариқи онҳо аз Худованд аст. А. муршид аст ва онҳое, ки бо ихлос итоати ӯ кунанд, ба иршоди ӯ мадорҷи ҳафтгонаро то марҳалаи «тавҳид» хоҳанд паймуд. Таълимоти А. ба мухолифати шадид дучор гардид. Аммо алорағми ин ӯ пас аз чанд соли тарғиб ва иршод дар миёни қавмҳои минтақаи худ ва қавмҳои синду балуҷ рафт ва Саидпури назди Ҳайдарободи Синдро маркази фаъолият қарор дод. Пайравони А. новобаста ба мухолифати рӯҳониёни рақиб ба муваффақиятҳо ноил шуданд. А. мубаллиғони худро

назди ҳокимон, ашроф ва рӯҳониёни сарзаминҳои ҳамсоя фиристод ва онҳоро ба қабули таълимоташ даъват намуд. Мубаллиғони ӯ ба дарбори Акбаршоҳ ва назди шайхҳои бузурги замон аз қабили Мирзосулаймони Бадахшонӣ, Сайидалии Тирмизӣ ва дигарон фиристода шуданд. Аз А. «Хайр-ул-баён» (доир ба вахдати вуҷуд) «Мақсуд-ул-мӯъминин» (доир ба ваъз, насиҳат, ақл, имон, ризо, рӯҳ, нафс, дунё, охират, тавба ва мақомоти ҳафтгона шариат, тариқат, ҳақиқат, маърифат, васлат, вахдат, сукунат), «Сирот-ут-тавҳид» (доир ба шарҳи ҳаёти худи ӯ ва васфи марҳалаҳои гуногуни иртиқои нафси инсонӣ), «Фахр-ут-толибайн» (ба Мирзо Сулаймон – ҳокими Бадахшон бахшида шудааст), «Ҳолнома» (оид ба зиндагиномаи муаллиф) боқӣ мондаанд.

Қ. Расулиён.

АНТАГОНИ́ЗМ (аз юн. – мубоҳиса, мубориза), як шакли зиддият, ки дар муборизаи тезутунду оштинопазири қувваю тамоюлҳои ба ҳам зид зоҳир мешавад. А ба маънои муборизаи қувваҳои ба ҳам зид дар таълимоти динии халқҳои Шарқ (муборизаи хайр ва шар), таълимоти фалсафии Кант, Шопенгауэр ва дигарон истифода шуда буд, вале бо номҳои дигар. Ба ҳамин маъно дар биология ва математика (назарияи бозиҳо) низ истифода мешавад. Марксизм – ленинизм А.-и байни синфҳоро дар форматсияҳои ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва дар давраи гузариш аз капитализм ба сотсиализм таҳлил намуда, нишон дод, ки А.-ро фақат муборизаи синфӣ ҳал менамояд, шаклу мазмуни онро шароити муайяни таърихии инкишоф муайян мекунад. К. Маркс қайд карда буд, ки «муносибатҳои истеҳсолоти буржуазӣ ….охирин шакли антагонистии ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошанд». Ниг. низ *Зиддият.*

АНТА́ЛЯ, Анатолия (туркӣ Anadoly аз юн. Anatole – Шарқ, тулӯъ), қисми асосии Туркия, воқеъ дар нимҷаз. Осиёи Хурд. Аз қадим (тақр. аз а-ҳои 5 – 4 то м.) Осиёи Хурдро дар маъхазҳо А. ном мебурданд. Дар Империяи Усмония вилоятеро, ки қисми шим. ғарбии Осиёи Хурдро дар бар мегирифт ва марказаш Кютаҳйа буд, А. меномиданд. Аз с-ҳои 20 а. 20 танҳо қисми осиёии Туркия А. ном гирифт.

АНТАНАНАРИ́ВУ, Тананариве (Antananarivo, Tananarive – шаҳри ҳазор ҷанговар), пойтахти Республикаи Демократии Мадагаскар, маркази маъмурии музофоти Антана-



Намуди умумии шаҳр.

нариву. А. дар қисми марказии ҷаз. Мадагаскар, дар пуштакӯҳҳо (1240 – 1470 м аз с. б.) ҷойгир аст. Аҳолиаш 895,3 (бо сокинони атрофаш 1,5 млн нафар, 2010). Маркази сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва нақлиётии мамлакат. А.-ро ибт. а. 17 шоҳи Имерина Андрианзака бино гузоштааст. Аз ибт. а. 19 – пойтахти Шоҳигарии Мадагаскар. Аз с. 1886 – маркази маъмурии Мадагаскар – мустамликаи Франсия (то с. 1960), аз 1975 – пойтахти давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Демократии Мадагаскар. Узели роҳҳои автомобилгард, р. о., аэропорти байналхалқӣ дорад. Р. о. А.-ро бо бандарҳои Таматаве ва Антсирабе пайваст мекунад. Муассисаҳои саноати хӯрокворӣ, чарму пойафзор, дӯзандагӣ, чӯбкорӣ, полиграфӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ғ. дорад. Дар баландтарин мавзеи А. – Рува қароргоҳи қадимии шоҳӣ, қасрҳои дарбор (1828) ва дар маркази шаҳр, атрофи кӯли Анусӣ биноҳои маъмурии замонавӣ, бошишгоҳи ҳукумат қомат афрохтаанд. Дар А. академияи илмҳо, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, осорхонаи санъат ва меъморӣ, осорхонаи мусиқии миллӣ, осорхонаи таърихӣ ((1897), бойгонии миллӣ, китобхонаи миллӣ, театрҳо, Боғи зооботаникии Тсимбазаза (1925), Донишгоҳи Мадагаскар, Хонаи радио мавҷуд аст.

АНТА́НТА, (франс. Entente аз Entente cordiale – “ризоият аз дил”), иттифоқи империалистии Англия, Франсия ва Россияи подшоҳӣ, ки с-ҳои 1904 – 07 ташкил шуда, дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба муқобили Германия ва иттифоқчиёни он (Иттифоқи сегона) бештар аз 20 давлатро муттаҳид намуд. Ташкил ёфтани А. ихтилофи байни иштирокчиёни онро кам карда бошад ҳам, тамоман бартараф нанамуд (мас., рақобати Англияю Россия дар Эрон, низои се иштирокчии А. дар Балкан ва Туркия). Германия кӯшиш мекард, ки мухолифати давлатҳои А.-ро тезу тунд кунонда, Россияро аз иттифоқчиёнаш дур намояд, аммо мақсадҳои стратегии ҳукумати подшоҳӣ, вобастагии молиявии Россия ба Франсия, инчунин нақшаҳои истилогаронаи худи империализми Германия ба амалӣ шудани ин ҷидду ҷаҳди Германия монеъ мегардид. Давлатҳои А. ҳам дар навбати худ мақсад доштанд, ки Италия ва Австрияю Венгрияро аз Иттифоқи сегона барканор кунанд. Майи 1915 Италия ба тарафи А. гузашт. Аз рӯзҳои аввали Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба иттифоқи А. давлатҳои нав ҳамроҳ шуданд, то ох. ҷанг ба ҳайати он (ба истиснои Россия, ки баъди Револютсияи Октябр аз ҷанг даст кашида буд) боз 28 давлат дохил шуд. Баъди Револютсияи Октябр мамлакатҳои А. ва ШМА ба Давлати Советӣ ҳуҷум карданд. Халқи советӣ таҷовузи А.-ро барҳам дод.

АНТА́НТАИ ХУРД, иттифоқи Чехословакия, Руминия ва Югославия, ки с-ҳои 1920 – 21 ташкил шуд. Мақсади А. х. баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Европаи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ нигоҳ доштани таносуби қувваҳо буд. Дар системаи ҳарбию сиёсии франсавии иттифоқҳои Европаи с-ҳои 1920 – 30 воситаи ҳалкунанда ба шумор мерафт. Дар зери таъсири сиёсати берунаи Франсия мавқеи зиддисоветиро ишғол мекард. А. х. дар ихтиёри худ қувваҳои бисёри ҳарбӣ дошт. Баъди қабули Плани Дауэс (1924) ва ба имзо расидани шартномаҳои Локарно (1925) мавқеи Франсия дар Европа суст гардид, ки А. х.-ро ҳам заиф кард. Франсия бо мақсади дар байни иштирокчиёни А. х. худро нигоҳ дошёё тан бо онҳо шартномаҳои ҳарбию сиёсӣ баст (бо Чехословакия 25 янв. 1924, Руминия 10 июни 1926, Югославия 11 ноябри 1927). Бо вуҷуди ин дар натиҷаи бо Англия, Венгрия, хусусан бо Италия наздик шудани Руминия ин аҳдномаҳо барои Франсия аҳамияти худро гум карданд. А. х. дар натиҷаи ба Созишномаи Мюнхен имзо кардани Англия ва Франсия (1938), ки боиси истилои Чехословакия гардид, пароканда шуд.

А́НТАРА ибни Шаддоди Абсӣ (525, Начд – тақр. 615), шоири араб. Аз А. девоне иборат аз 1500 байт ва як қасидаи муаллақа (79 байт) боқӣ мондааст. Ашъораш аз васфи ҷасорату корномаи майдони ҳарб, ғазалҳои ишқӣ ва мадҳӣ иборат аст. Дар қасидааш, асосан покии тинати инсон, олиҳиммативӣ, озодихоҳию мардонагӣ тараннум шудааст. Азбаски А. савори нотарс ва ҷанговари баҳодуре будааст, ба қаҳрамони

ривоятҳои халқӣ табдил ёфта, дар ох. а. 10 ба унвони «Сирати Антара» дос тоне ҳам дар бораи ӯ ба вуҷуд омадааст. Асари мусиқии машҳури композитори рус Римский-Корсаков, ки «Антара» ном дорад, ба ҳамин шоир бахшида шудааст.


АНТАРКТИ́ДА, қитъа, материк дар қисми марказии *Антарктика*. Қариб пурра дар доираи Қутби Ҷанубӣ воқеъ буда, фақат қисми шимолии нимҷаз. Антарктида ва баъзе минтақаҳои канории А.-и Шарқӣ аз ин доира берунанд. А. нисбат ба Қутби Ҷанубӣ ғайрисимметрӣ хобидааст. А. аз ҷиҳати географӣ ба ду қисм тақсим мешавад: А.-и Шарқӣ ва А.-и Ғарбӣ. А.-и Ғарбӣ дар шакли нимҷаз. камбари дароз ба самти Шим. тӯл кашидааст. Нуқтаи шимолтарини А. (димоғаи Сифре дар нимҷаз. А.) то 63°13′ а. ҷ. расида, аз қитъаи наздиктарин – Америкаи Ҷанубӣ дар масофаи 1200км воқеъ гардидааст. Атрофи А.-ро уқёнусҳои Атлантик, Ором ва Ҳинд (бо 11 баҳр) иҳота кардаанд; канораҳои ба А. наздики онҳоро Уқёнуси Ҷанубӣ меноманд. Масоҳ. А. 14 млн км^2 (1,6 млн км^2-и он аз пирях ва ҷаз-ҳои шелфӣ иборат аст; ин ҷазҳоро пиряхҳо ба материк пайвастаанд). Баландии миёнаи А. 2300 м аст ва аз ин рӯ он баландтарин қитъаи олам ҳисоб мешавад.

Сохти геологӣ. Қисми зиёди материк (А.-и Шарқӣ)-ро платформаи токембрийи А. ташкил медиҳад, ки онро кӯҳҳои нисбатан ҷавон иҳота кардаанд. Қабати поёниаш аз гнейсҳои протерозой ва архей, варақсангҳои кристаллӣ, магматит ва гранитоид иборат аст. Дар ин қабат ҷинсҳои кристаллии қадимтарини қишри замин кашф шудаанд, ки синнашонро 4 млрд сол муқаррар кардаанд. Қабати мобайнии платформа аз таҳнишастҳои давраи протерозой – оҳаксанг, регсанг ва конгломерат; қабати болоӣ аз америт, варақсангҳои лойдори давраи палеозой ва мезозой (давраҳои аввали яхбандии А. – 300 ва 150 млн сол пеш) иборат аст. Ин қабат боқимондаҳои наботот (аз ҷумла чӯб) ва ҳайвоноти баҳрӣ дорад, ки дар ин ҷо то давраи чорумин, яъне то ба вуҷуд омадани «сипар»-и яклухти яхбандии антарктикӣ мавҷуд будаанд. Платформаи А. иборат аз системаи мураккаби тарқишҳои қишри замин буда, ягона вулқони фаъоли қитъа – Эребус ба он мансуб аст. Ҳудуди А.-и Ғарбиро минтақаи чиндори андӣ ишғол кардааст. Дар А. конҳои ангишт, нефт, оҳан, мис, тилло, сурб, руҳ, графит ва минералҳои берилл, булӯри кӯҳӣ ошкор гардидаанд, вале онҳоро бо сабабҳои иқтисодию сиёсӣ истихроҷ намекунанд (мувофиқи Аҳднома оид ба Антарктика тамоми фаъолияти ба захираҳои табиӣ равонашуда, ғайр аз таҳқиқоти илмӣ, манъ аст).

Релйеф. А. аз материкҳои дигар бо яхбандии ғафс фарқ мекунад. Фақат наздики 1 фоизи ҳудуди А. яхпӯш нест, он мавзеъҳои холиро «воҳаҳои антарктикӣ» меноманд ва онҳо минтақаҳои бузурги аз даҳҳо то садҳо км^2-ро фаро мегиранд; қуллаҳои ҷудогона, қ-кӯҳҳо ва қитъаҳои на он қадар калони хушкиҳои назди соҳил (воҳахои А.) аз он ҷумлаанд. Дар А. ғафсии қабати ях ба ҳисоби миёна 1720 м, ҷойи ғафстаринаш то 5000 м, ҳаҷми умумии ях 24 млн км^3 аст. Қабати ғафстарини ях дар пастхамиҳои материк вомехӯрад ва умқи чунин пастхамиҳо аз 1,5 км бештар аст. Релйефи хушкии зери яхи А., ки дар давраи неоген шакл гирифтааст, 410 м баландии миёнаи мутлақ дошта, баъзе қисмаш (ҳамвориҳои Шмидт ва Восточная – Шарқӣ) аз сатҳи уқёнус паст ва баъзеи дигар (ҳамвориҳои Бэрд ва Западная – Ғарбӣ) аз ин сатҳ баланд мебошанд. Шакли релйефи А. такрори маҳзи хушкии он аст, яъне замини А. дар вақти холигиаш чӣ шакл дошт, ҳоло яхбастагиҳояш ҳамон шаклро доранд. Системаи кӯҳии бузургтарини қитъа – кӯҳҳои Трансантарктика (дарозиаш то 4 ҳазор км, баландии миёнааш то 3000 м) А.-и Шарқиро аз А.-и Ғарбӣ ҷудо мекунад. Он аз қ-кӯҳҳои Пенсакола, Хорлик, Терон, Куин-Мод (Маликаи Мӯд), Куин-Александра ва ғ. иборат мебошад. Массиви Винсон дар кӯҳҳои Элсуорт нуқтаи баландтарини А. (5140 м) аст. Дар қисми марказии А. кӯҳҳои Гамбутсев ҷойгиранд. Соҳилҳои А.-и Шарқиро кӯҳҳои Вернадский, Шукин, Принс-Чарлз, Голитсин ва Юсарп иҳота кардаанд. А.-и Шарқиро «сипар»-и бузурги гунбазшакли пиряхӣ (баландиаш то 4000 м) ва А.-и Ғарбиро ду «гунбаз»-и пиряхӣ бо баландии мутлақи 2000 м ишғол намудаанд. Сатҳи яхпӯши А. тарқишҳои бисёр дорад, ки боиси канда шудани пиряхҳо мегарданд. Дар ҷойҳои релйефаш мураккаб яхҳои кӯчии аз ноҳияҳои марказӣ ба уқёнус ҳаракаткунанда ғарам шуда, пиряхҳои камбари «роҳкушо»-ро ташкил медиҳанд (мас., пиряхи Ламберт, дарозиаш беш аз 500 км), ки ба тавассути онҳо яхҳои кӯчида бемамониат ба уқёнус мефароянд. Пиряхҳо – яхпораҳои мусаттаҳи шинокунанда (ғафсиашон то 800 м) баъзан ба канори ҷазираҳо ё баландиҳои зериобӣ такя зада, қарор мегиранд. Бузургтарини онҳо пиряхҳои Росс, Ронне, Георги IV, Ларсен, Гетс, Рисер-Ларсен, Эймери, Филхнер мебошанд.

Иқлим, обҳои дохилӣ. Иқлими А.-ро минтақаҳои наздиқутбӣ, баландиҳои бузурги мутлақ, яхбандии доимӣ ва хусусияти уқёнуси атрофи он муайян мекунанд. Тавозуни солонаи радиатсионии А. манфӣ аст. Танҳо дар ҳудуди воҳаҳои антарктикӣ тавозуни радиатсионии сатҳи замин мусбат мебошад: тобистон сахраҳо то +30°С ва ҳавои наздик ба Замин то +11°С ва бештар гарм мешавад. Дар давраи шаби қутбӣ анбӯҳи ҳавои дар болои уқёнусҳо ташаккулёфта барои А. ягона манбаи гармӣ мебошад. Лекин аз ҳисоби шуоъафкании дарозмавҷ ноҳияҳои марказии А. дар фасли зимистон энергияро нисбат ба он ки мегиранд, бештар харҷ мекунанд ва ин сабабгори доимо сард будани ҳавои А. аст. Иқлими А. ба 3 минтақаи калон тақсим мешавад: минтақаҳои баландкӯҳи дохили материк, нишебиҳои пиряхӣ ва минтақаҳои назди соҳил. Минтақаи дохили материк сатҳи марказии пуштакӯҳи пиряхии Антарктидаро, ки аз 3000 м баландтар воқеъ аст, дар бар мегирад. Дар ин ҷо ҳарор. пасттарини кураи Замин, ҳавои софи ҳамешагӣ ва бодҳои суст ҳукмфармоянд. Ҳарор. миёнаи солона –57°С, ҳарор. пасттарин –89,2°С (июли 1983 дар пойгоҳи автоматии «Восток» ба қайд гирифта шудааст) мебошад. Дар ин ҷо миқдори боришоти солона аз 50 мм зиёд нест ва ин боришот дар шакли қирав, сутунчаҳои яхӣ ё яхи сӯзаншакл зоҳир мешаванд. Антисиклони антарктикӣ ҳамеша дар иҳотаи сиклонҳои дигар буда, аз Ғ. ба Ш. ҳаракат мекунад. Баъзан ин сиклонҳо ба минтақаҳои дохили материк ворид шуда, тундбоду бӯрон (суръати бод 50 м/с), барфрезиҳои шадид ба вуҷуд меоваранд. Дар ин минтақаҳо миқдори боришоти солона ба 300 – 700 ва дар қисми шим. ғарбии нимҷаз. Антарктида то 1000 мм мерасад. Минтақаи нишебиҳои пиряхӣ аз дохили материк ба Шим. паҳн шуда, ҳарор. миёнаи солонаи он – 20 – 50°С мебошад. Дар ин ҷо ҳарор. пасти муттасил, бодҳои шадиди доимӣ ва бӯронҳо, ки аз дохили материк мевазанд, ҳукмронанд. Минтақаи наздиди соҳил А.-ро дар шакли мавзеи

АНТАРКТИДА


АНТАРКТИКА
М-Б 1 : 150 000 000
Сарҳади Антарктика
Сарҳади Антарктидаи Шарқӣ ва Ғарбӣ
Ҷадвали чуқурӣ ва баландиҳо ба ҳисоби метр
чуқуртар 4 000 3 000 2 000 1 000 500 0 500 1 000 2 000 4 000 баландтар
Хати соҳил
Пиряхҳои шелфӣ
Пиряхҳои хориҷшаванда ва яхшиканҳо
Ноҳияҳои баромади ҷинсҳои аслӣ
Ҳудуди яхҳои шинокунанда дар давраи бештар паҳншавӣ (сентябр)
Ҳудуди яхҳои шинокунанда дар давраи камтар паҳншавӣ (март)
Пойгоҳҳои илмии амалкунанда
МАСШТАБ 1 : 30 000 000
1200км
АНТАРКТИДАИ ШАРҚӢ
АНТАРКТИДАИ ҒАРБӢ
ЗАМИНИ ЭЛСУОРТ
ЗАМИНИ МЭРИ БЭРД
ЗАМИНИ УИЛКС
ЗАМИНИ ВИКТОРИЯ
ЗАМИНИ КОТС
ЗАМИНИ ЭДВАРД VII
ЗАМИНИ ПАЛМЕР
ЗАМИНИ ГРЕЙАМ
ЗАМИНИ ОРКНЕЙ ҶАНУБӢ
ЗАМИНИ ЭЛЕНДСУЙЗЕН
ЗАМИНИ ШОҲЗОДАХОНУМ ЕЛИЗАВЕТА МАТИКА МЕРИ
ЗАМИНИ ЭДЕЛ
ЗАМИНИ ЭЙМЕР
ЗАМИНИ ЭДЕР
ЗАМИНИ ЭДЭР
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ
ЗАМИНИ ЭДЭР-ЭЙ

борик иҳота кардааст: ҳарор. миёнаи солонаи ин ҷо нисбатан баландтар (–10° –20°С) буда, дар қисми зиёди соҳилҳо зуд-зуд тӯфону бӯрон ба амал меоянд. Захираҳои асосии оби А. дар яхи он (24 млн км^3) аст. Коршиносон ҳисоб кардаанд, ки дар сурати об шудани ин яхҳо, сатҳи Уқёнуси Олам 60 м боло меравад. Ҳаҷми яхҳоро боришоти атмосферӣ (дар як сол 2200 км^3) пурра карда меистанд. Дар аксар минтақаҳои А.-и Шарқӣ афзун гардидани массаи ях мушоҳида мешавад. Дар канораҳои А. бошад, баръакс, камшавии ях ба назар мерасад, чунки яхпораҳо дар шакли айсбергҳо канда шуда ба уқёнус мераванд ва барф соле 200 – 250 мм бухор мешавад. Суръати ҳаракати яхпораҳо дар ин ҷо дар як сол 20 – 100 м ва дар пиряхҳои кӯчӣ то 1500 м мебошад. Дар тобистон обшавии рӯи ях ва зери он бештар дар канораҳои қитъа мушоҳида мешавад. Дар воҳаҳо яхҳои обшуда бо ҷӯй ва наҳрҳо равон мешаванд ва ба кӯлҳои кӯҳӣ (дар баландии то 1000 м, мас., Замини Маликаи Мӯд ва Замини Виктория) мерезанд. Тадқиқоти солҳои охир зиёда аз 70 кӯли бузурги зери «сипар»-и қисми марказии А.-ро кашф кардаанд: калонтаринашон кӯли Восток – Шарқ (дарозиаш 220 км, бараш 70 км) мебошад. Ин кӯлҳо, ки дар зарфи 500 ҳазор сол атмосфераро надидаанд, бояд дар худ нодиртарин маълумотро оид ба шароити иқлими гузаштаи дури ин қитъа дошта бошанд. Хоки воҳаҳо ва мавзеъҳои назди соҳил моддаҳои органикии хеле кам дошта, ба хоки биёбонҳои баландкӯҳ монанд аст ва дар баъзе ҷойҳо то чуқурии 100 м ях мебандад.

Олами набототи А.-ро ушна, гулсанг, обсабзҳо, замбӯруғҳо ва ғ. ташкил медиҳанд. Олами ҳайвоноташ низ хеле камбағалу якранг аст. Дар ин ҷо ҳашароти қанотдор, ширхорҳои хушкигард ва моҳиҳои обҳои ширин вонамехӯранд, танҳо якчанд намуди буғумпойҳо ва бактерияҳо дучор меоянд. Аз парандагон асосан пингвин, мурғи тӯфон, моҳихӯраки шимолӣ ва белпойҳо бисёранд. А. аҳолии муқимӣ надорад. Дар қитъа ва ҷазҳои наздисоҳилии он 45 маркази тадқиқотӣ ва пойгоҳҳои давлатҳои гуногун ҷойгиранд. Дар баъзе пойгоҳҳо шаҳракҳои барои зисти дарозмуддат ҷиҳозонида ҳастанд.

Экспедитсияи баҳрнавардони рус (1819 – 21) бо роҳбарии Ф. Ф. Беллинсгаузен ва М. П. Лазарев, ки А.-ро янв. 1920 кашф намуд, дар бораи мавҷудияти хушкии даруни доираи Қутби Ҷанубӣ маълумоти аввалин дод. Аз ин пеш вуҷуд доштани материки ҷанубиро (лот. Terra Australis) тахмин мекарданд ва аксаран онро бо Америкаи Ҷанубӣ (мас., дар харитаи с. 1513 тартибдодаи Пири-Реис) ва ё Австралия (номи лотиниаш далолат мекунад) якҷо медонистанд. Ҳамин экспедитсия вуҷуд доштани қитъаи шашуми оламро тасдиқ кард. Ибт. а. 20 тадқиқотчиёни Қутб – англисҳо Р. Скотт (1901 – 04, 1910 – 12) ва Э. Шелтон (1907 – 09), норвег Р. Амундсен (1910 – 12) аввалин шуда ба Қутби Ҷанубӣ расиданд; австралиягӣ Д. Моусон (1911 – 14) ва дигарон ба ноҳияҳои дохили материк сафарҳо карданд. Аз с. 1928 омӯзиши А. бо ёрии самолётҳо оғоз ёфт; америкоӣ Ҷ. Уилкинс (1928 – 30), англис Л. Элсуорт (1935, 1938 – 39), америкоӣ Р. Бэрд (1929 – 31, 1933 – 35, 1939 – 41, 1946 – 47) дар ин бобат ташаббус нишон доданд. Тадқиқоти нави А. дар давраи сеюмини Соли байналхалқии геофизикӣ (1957 – 58) вусъат ёфт. Дар ин муддат доир ба омӯхтани А. корҳои бузурге анҷом дода шуда, пойгоҳҳои махсуси илмӣ таъсис ёфтанд. Дар омӯзиши А. саҳми экспедитсияҳои антарктикии советӣ бузург аст. Сеяки соҳилҳои А.-ро олимони советӣ тадқиқ карда, бештар аз 200 объекти номаълумро дар харитаи қитъа қайд намуданд.

Иттифоқи Советӣ то миёнаи с-ҳои 80 а. 20 дар омӯзиши Қутби Ҷанубӣ мавқеи назаррас дошт ва ҳоло Федератсияи Россия ин мавқеъро аз даст надодааст. Айни ҳол азхудкунии А. дар баробари азхудкунии кайҳон масъалаи аввалиндараҷа дар арсаи ҷаҳон гардидааст. Экспедитсияи аввалин ва расмии Тоҷикистон ба А.



А. Қаюмов ҳангоми насби парчами Тоҷикистон дар Антрактида (2009).

(дар ҳайати экспедитсияи илмию тадқиқотии Россия) тибқи Қарори Ҳукумати ҶТ (№ 587 аз 30 ноябри 2007) аз 29 окт. 2008 то 24 майи 2009 дар шахси проф. Абдулҳамид Қаюмов сурат гирифтааст. Дар баҳши иқлимшиносӣ ин муҳаққиқи тоҷик якҷоя бо мутахассисони Ин-ти Арктика ва Антарктикаи Агентии метеорологияи назди Вазорати ҳифзӣ табиати Россия дар омӯзиши мавзӯи глобалии тағйирёбии иқлим, таъсири он ба муҳити атроф, ба пиряхҳо ва мутобиқшавии инсон ба ин тағйирот машғул шуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Натиҷаи ин тадқиқот чун модели дақиқи омӯзиши тағйирёбии иқлим эътироф шудааст ва чунин омӯзиш дар шароити лабораторӣ имкон надорад. Дастовардҳои ин экспедитсия ба шароити иқлими Тоҷикистон, пиряхҳо ва мавзеъҳои яхбастагии доимии он татбиқ хоҳад шуд. Дар қитъаи шашуми олам партавфишон будани Парчами давлатии Тоҷикистон боиси ифтихор аст ва аҳамияти бузурги сиёсӣ дорад. Оид ба таърихи тадқиқоти А. ва низоми байналмилалию ҳуқуқии А.ниг. низ *Антарктика*.

Ад.: Трешников А. Ф., История открытия, исследования Антарктиды, М., 1963; География Антарктиды, М., 1968; Новая Российская Энциклопедия, М., 2005. *А. Қаюмов.*

АНТА́РКТИКА, ноҳияи Қутби Ҷанубии кураи Замин, ки қитъаи *Антарктида* ва хушкиҳои атрофи онро дар уқёнусҳои Атлантик, Ором ва Ҳинд (Уқёнуси Ҷанубӣ), баҳрҳои Уэдделл, Росс, Амундсен ва Беллинсгаузен, инчунин ҷаз-ҳои Георгияи Ҷанубӣ, Сандвичеви Ҷанубӣ, Оркнейи Ҷанубӣ, Шетленди Ҷанубӣ ва ғ-ро дар бар мегирад. Одатан минтақаи якшавии обҳои сарди ҷанубӣ ва нисбатан гарми шимолиро сарҳади А. мешуморанд, ки он аз мобайни 48° – 60° а. ҷ. мегузарад. Дар ин ҳудуд масоҳ. А. қариб 52,5 млн км^2 аст (қисми шимолии онро чун камараи субантарктикӣ ҷудо мекунанд).

Релйефи қаъри А.-ро ба ду қисм тақсим мекунанд: хушкӣ ва уқёнусӣ. Сохти морфологии релйефи хушкии А. дар қаъри баҳрҳои атрофаш дар шакли тунукобаи материкӣ идома меёбад. Тунукобаи ин ҷо нисбат ба тунукобаи қитъаҳои дигар чуқуртар (ба ҳисоби миёна то 500 м), вале камбартар (ба ҳисоби миёна аз 300 км зиёд нест; танҳо соҳили баҳрҳои Росс ва Уэдделл то 1200 км) аст. Минтақаҳои дохилии тунукобаи А. релйефи пастубаланд дорад, ки натиҷаи тағйироти навтарини қишри

замин аст. Минтақаи берунии он нисбатан ҳамвор буда, ҷо-ҷо баландиҳо дорад. Ин баландиҳо одатан ҷойи баромади ҷинсҳои устуворанд. Тунукобаи материк ба сӯи уқёнусҳо якбора то 4 – 5 ҳазор метр (дар баъзе ҷойҳо то 6 – 7 ҳазор м) паст шуда меравад. Қаъри уқёнусҳои атрофи А. аз ҳамвориҳои аккумулятивӣ, хамиҳои бо баландиҳо иҳоташуда (хамиҳои Африкаю Антарктика, Австралияю Антарктика ва ғ.; баландии Австралияю Антарктика, қ-кӯҳҳои Африкаю Антарктика ва ғ.) иборатанд. Қуллаҳои қ-кӯҳҳои зериобӣ аксар то сатҳи баҳр расида, баъзан берун баромада, ҷазираҳоро ташкил медиҳанд (пайдоиши аксарашон вулқонӣ), мас., ҷаз-ҳои Буве, Каргелен, Крозе, Маккуори, Скотт, Ҳерд ва ғ., ки то 2750 м баландӣ доранд. Дар минтақаи геологии Антарктидаи Ғарбӣ ва Америкаи Ҷанубӣ (байни 20° ва 70° т. ғ., идомаи зериобии нимҷаз. Антарктида) – қ-кӯҳи Антили Ҷанубӣ даҳҳо ҷазираҳо (мисли шадда) ба назар мерасанд, ки баландиашон то 3000 м мебошад (калонтаринашон ҷаз-ҳои Георгияи Ҷанубӣ, Сандвичеви Ҷанубӣ, Оркнейи Ҷанубӣ). Қад-қади ҷаз-ҳои Сандвичеви Ҷанубӣ бо ҳамин ном новаи борике ҳаст, ки ҷойи амиқтарини Уқёнуси Ҷанубӣ (8325 м) дар ҳамин нова мебошад.

Иқлим. А. минтақаи сардтарини кураи Замин аст, чунки ба Қутби Ҷанубӣ радиатсияи Офтоб хеле кам мерасад. Тавозуни радиатсияи ин ҷо манфӣ буда, макони ташаккули антисиклони антарктикӣ мебошад. Ин сиклон болои Уқёнуси Ҷанубӣ бо сиклонҳои дигар ва анбӯҳи ҳавои болои баҳр даромехта ба қитъа мефарояд ва сард гардида боз ба сӯи уқёнус ҳаракат мекунад. Барои А. ҳарор. паст, шамолҳои сахт (дар як сония то 70 м), бӯронҳои барфолуд ва туман ҳодисаҳои муқаррарианд. Сарҳади байни иқлимҳои антарктикӣ ва субантарктикӣ аз болои баҳрҳо мегузарад. Дар ҷаз-ҳои субантарктикӣ ба туфайли гармигунҷоиши калони массаи об ҳарор. ҳаво қариб як хел аст: ҳарор. миёнаи моҳи гармтарин 10°С, моҳи сардтарин аз 0°С дар ноҳияҳои шимолӣ то – 10°С дар ноҳияҳои ҷанубӣ. Дар назди соҳилҳо фақат барф, вале дар ҷаз-ҳои шимолӣ борон ҳам меборад. Боришоти солона дар соҳилҳои Антарктида 300 – 500 мм, дар соҳилҳои шим. ғарбии нимҷаз. Антарктида ва ҷаз-ҳои субантарктикӣ то 1000 мм ва аз он бештар аст. Солҳои охир қабати озонии атмосфераи А. коҳиш ёфта «рахнаи озонӣ»-и бузург ба вуҷуд меояд. Соли 1998 масоҳ. «рахнаи озонӣ» бештар аз 26 млн км^2, яъне ҳудуди аз масоҳ. худи А. зиёдтарро фаро гирифт, ки ин зуҳурот натиҷаи ифлосшавии техногении атм. аст. А. ва ҷаз-ҳои назди он яхпӯшанд ва «гунбаз»-ҳои пиряхӣ зиёданд. Уқёнуси Ҷанубӣ минтақаи пурталотумтарини Уқёнуси Олам мебошад. Дар ин ҷо баландии мавҷҳои баҳр то ба 10 – 15 м (баъзан то 23 м) мерасад.

Оби баҳрҳо ва яххои А. Ҳангоми харобшавӣ ва кӯчидани пиряххо айсбергҳои бузурги мусаттаҳи мизмонанди аҷоибшакл ташаккул меёбанд. Онҳо аз ҳудуди А. берун намераванд ва дар тунукобаҳо маъво гирифта, ҷаз-ҳои яхӣ ба вуҷуд меоваранд, ки бо мурури замон шакли гунбазро мегиранд. А. аз *Арктика* бо он фарқ мекунад, ки дар он яххои бисёрсола каманд. Яхпораҳои шинокунандаи ғафсии миёнаашон 1,5 м соҳилҳои Уқёнуси Ҷанубиро аз мавсим то мавсим дар ҳудуди аз 4 млн км^2 (тобистон) то 19 млн км^2 (зимистон) фаро мегиранд. Яххои обшуда ба Уқёнуси Ҷанубӣ рехта ба хосияти оби он таъсир мерасонанд: ҳарор. об то ҳудуди минтақаи якҷошавии антарктикӣ аз –2 то +2 (намакнокиаш то 34%) ва ҳарор. қабати мобайнии об аз қабати болоӣ ва қаъри он нисбатан гармтар (1 – 2°С) мешавад. Дарозии айсбергҳо то 170 км, баландии онҳо берун аз об то ба 50 м мерасад.

Олами органикӣ. Дар ҷаз-ҳои А. фақат набототи тундрагӣ паҳн шудаанд: растаниҳои ҳогдор – ушна, гулсанг, обсабзҳо, занбӯруғ ва бактерияҳо. Олами ҳайвоноти А. ниҳоят камбағал буда, намудҳои хоси худро дорост. Олами ҳайвоноти баҳрӣ нисбат ба хушкӣ бойтар аст. Аз бемӯҳраҳо крил (планктони гӯшмоҳишакл) фаровон аст, ки он хӯроки асосии моҳиҳо ва парандаю ширхорҳост. Ҷонварони олами ҳайвоноти қаъри баҳр хеле гуногун аст: кирм, нармбаданҳо ва моҳиҳо. Аз парандаҳо тобистон мурғи тӯфон, албатрос ва ғ. бисёранд. Дар А. пингвинҳо (17 намуд) аз ҳама бештаранд. Аз ширхорҳо белпой ва кит мавҷуданд.

Иқтисод. Дар А. кишварҳои гуногун асосан моҳидорӣ ва туризмро ба роҳ мондаанд. Солҳои 1930 – 50 шикори кит хеле ривоҷ ёфта (1,5 – 2 млн т) шумори он кам гашт. Аз с. 1985 ин ҷониб соле зиёда аз 300 адад кит шикор мешавад. Дар ҷаз-ҳои А. он вақт тюленро низ шикор карда, баъзе намудҳояшро тамоман аз байн бурданд. Ҳоло шикори онҳо пурра манъ шудааст. Дар А. с-ҳои 60 а. 20 соле 400 ҳазор т моҳӣ мегирифтанд, ки ин ҳам муносибати ғоратгарона ба захираҳои табиии А. буда, ҳоло миқдори он то 100 ҳазор т маҳдуд карда шудааст. Ба А. соле наздики 6 ҳазор сайёҳ меояд.

Таърихи тадқиқот. Ҷустуҷӯи материки ҷанубӣ дар арзҳои мӯътадил ва кашфи ҷаз-ҳои антарктикӣ а. 16 оғоз ёфт (А. Веспуччи, 1501 – 02). Аввалин инсонҳои ба А. ба масофаи 200 км наздикшуда баҳрнавардони англис буданд. Онҳо бо сардории Ҷ. Кук с-ҳои 1772 – 75 саёҳати давродаврии антарктикӣ ташкил карда, ҳангоми роҳгум задан аввал ҷаз. Сандвичеви Ҷанубӣ ва баъд дигар ҷаз-ҳоро кашф карданд. Баҳрнавардони рус Ф. Ф. Беллинсгаузен ва М. П. Лазарев (янв. – фев. 1820) дар киштиҳои «Восток» ва «Мирный» аз масофаи якчанд километр қисми соҳили нимҷаз. Антарктидаро мушоҳида карда, ба он Соҳили Александри I ном ниҳоданд. Ҳангоми ин экспедитсия 28 объект ифшо гашта ба ҳуд номҳои русӣ гирифтанд (мас., ҷаз. Пётри I). Солҳои 1821 – 40 якчанд экспедитсияи шикорӣ ҷаз-ҳои Тринити, Ҳерд ва Оркнейи Ҷанубӣ, Замини Эндерби, Соҳили Сабрин ва ғ., с-ҳои 1838 – 40 экспедитсияи тадқиқотӣ таҳти роҳбарии Ж. С. Дюмон-Дюрвил ҷаз. Жуэнвил, қисми соҳили нимҷаз. Антарктида ва Антарктидаи Шарқиро (Замини Адели, Соҳили Клари) кашф карданд. Соли 1840 қисми соҳили Антарктидаи Шарқиро Ч. Уилкс кашф намуд, ки номи Замини Уилксро гирифт. Минбаъд киштиҳои шикорӣ ва экспедитсияҳои анлисҳо, америкоиҳо, франсавиҳо ва норвегиягиҳо аксарияти ҷаз-ҳои А. ва қисми наздисоҳилии материкро кашфу тадқиқ карданд. Ох. а. 19, баъди дар Арктика ваҳшиёна қир шудани китҳо, А. боз диққати аҳли оламро ба худ кашид. Солҳои 1900 – 55 (даврai тайёрӣ ба Соли Байналхалқии Геофизикӣ) таҳти парчами Британияи Кабир, Австралия, Аргентина, Белгия, Зеландияи Нав, Норвегия, Иттифоқи Советӣ, ШМА, Франсия, Шветсия, Чилӣ ва Япония даҳҳо экспедитсия ташкил шуд. Дар давоми Соли байналхалқии геофизикӣ (1957 – 58) дар А. ва ҷаз-ҳои атрофи он 50 пойгоҳи илмии 12 давлати ҷаҳон аз рӯи барномаи солона амал мекарданд. Баъзе аз ин пойгоҳҳо ҳамагӣ 1 – 2 сол кор карда бошанд ҳам, қариб 30 пойгоҳи ди-

гар минбаъд фаъолияти худро идома дода, шумораашон торафт афзуд (ҳоло 45 адад). Ин пойгоҳҳо мунтазам мушоҳидаҳои аэрометеорологӣ, актинометрӣ, геомагнитӣ, гидрологӣ ва глятсиологӣ мебаранд. Экспедитсияи антарктикии советӣ таҳти роҳбарии М. М. Сомов, А. Ф. Трёшников шакли соҳилҳо ва пиряхҳо, ғафсии пӯшиши яхии ҳамвории Шмидт ва ғ-ро ташхис кард. Солҳои 1960 – 70 диққати асосӣ ба сохти геологии замини зери ях, обҳои рӯ ва зери ях ва воҳаҳои қитъа равона шуда, таърихи яхбандӣ, релйефи зерияхӣ, кону маъданҳо, сарҳади бахрҳои нав кашфшуда – Сомов, Лазарев, Рисер-Ларсен, Иттиҳод, Кайҳоннавардон, захираҳои биологии Уқёнуси Ҷанубӣ муайян ва мушаххас гардиданд. Аз 45 пойгоҳи тамоми сол фаъол ва мавсимӣ 5-тоаш (Беллинсгаузен, Восток, Мирний, Новолазаревская, Прогресс) аз Россия аст. 4 пойгоҳи дигари Россия (Дружная, Ленинградская, Молодёжная, Русская) муваққатан кор намекунанд. Ҳоло дар Россия тадқиқоти илмии антарктикӣ дар доираи барномаи федералии «Уқёнуси Олам» идома дошта, ба таъмини ҳадафҳои геосиёсии кишвар ва иҷрои чорабиниҳои ҳифзи табиат, ки дар як қатор санадҳои байналхалқӣ оид ба А. пешбинӣ шудаанд, равона гардидааст. Дастоварди намоёни солҳои охири қутбшиносони Россия иктишоф ва тадқиқи кӯлҳои бузурги зерияхӣ мебошад, ки аҳамияти бузурги палеографӣ дорад. Бо қутбшиносони Россия ҳамкорӣ кардани Тоҷикистон барои илми иқлимшиносӣ, таҳқиқи муҳити зист, мутобиқ кардани инсон ба шароити сард ва ғ. аҳамияти бузург дорад, чунки Тоҷикистон дорои пиряхҳои азим ва минтақаҳои яхбандии доимии иқлимаш монанд ба А. мебошад (дар минтақаи Яшикӯл сардии –69°С ба қайд гирифта шудааст). А. ҳамчун намунаи табиати азалӣ, лабораторияи табиӣ ва муҳити поку беолоиш барои омӯзиши тағйирёбии иқлим ва ё ифлосшавии атмосферӣ (дараҷаи ин ифлосшавиро дар қиёс бо атмосфераи антарктикӣ муайян мекунанд) манбаи бебаҳост.

Вазъи байналхалқию ҳуқуқии А. Як қисми ҷаз-ҳои А. (Буве, Каргелен, Крозе ва ғ.) бе баҳс моли давлатҳои алоҳида буда, ҷаз-ҳои дигар (ғайр аз ҷаз-ҳои баҳсноки Сендвичеви Ҷанубӣ ва Георгияи Ҷанубӣ) ва қитъаи Антарктида истиқлолияти миллии мувофиқашуда надоранд ва дар доираи Аҳднома оид ба Антарктика (1 дек. 1959 дар Вашингтон қабул шудааст), ки 44 давлати иштирокчии ин аҳднома ба тасвиб расондаанд, идора мешавад. Аҳднома кафили амният дар қитъа буда, дар он бурдани амалиёти ҳарбӣ, озмоишҳои ядроӣ, гӯр кардани партовҳои радиоактивиро манъ мекунад; барои бурдани тадқиқоти илмӣ шароит фароҳам меоварад, ба системаи экологии А. расондани таъсири техногениро маҳдуд мекунад ва ғ. Ин талабот бо се паймони байналхалқӣ, ки якеаш Протоколи Мадрид (1991) мебошад, тақвият ёфта, азхудкунии захираҳои минералии А.-ро манъ ва ҳар гуна фаъолияти ба муҳити атроф таъсиррасонандаро баҳогузорӣ мекунад. Ҳадафи асосии Аҳднома истифодаи А. бар нафъи тамоми инсоният аст. Давлатҳои иштирокчӣ ҳар сол оид ба риояи талаботи Аҳднома машварат мегузаронанд, ҳамкориҳо ва бурдани фаъолияти илмӣ ё тиҷоратиро дар минтақа танзим мекунанд. Баъзе мамлакатҳои ҷаҳони сеюм бо баҳонаи он, ки А. ба системаи ҳуқуқии СММ ворид нест, эътирофи Аҳдномаро зери шубҳа қарор медиҳанд. Ҳафт давлат – Австралия, Аргентина, Зеландияи Нав, Норвегия, Британияи Кабир, Франсия, Чилӣ ҳар сари чанд вақт даъвои соҳиб шудан ба ҳудудҳои А.-ро мекунанд. Россия ва ШМА ин даъвоҳоро эътироф намекунанд ва дар ин масъала диду талаби хешро пеш мегузоранд. Тақдири минбаъдаи А. ба муносибати байниҳамдигарии давлатҳо, ҳадафу мароқи онҳо ба ин минтақа ва вазъи сиёсию иқтисодии тамоми ҷаҳон вобаста аст.

Ад.: Антарктика: материалы по истории исследований и физической географии, М., 1958; Трешников А. Ф., Антарктика: исследования, открытия, Л., 1980; Голицын В. В., Антарктика: тенденции развития режима, М., 1989; Котляков В. М., Мир снега и льда, М., 1994; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005.

М. Шарифзода.

АНТЕ́Й, яке аз персонажҳои асотири Юнони Қадим, писари *Посейдон* ва олиҳаи Замин *Гея.* Паҳлавони азимҷусса, ҳокими кишвари Либия. Душманонро ба ҷанги тан ба тан даъват карда, ҳамеша ғолиб меомад. Ӯ дар ин тарзи набард мағлубнопазир буд, чунки вай аз замин нерӯ мегирифт. Аз замин-модар канда шудани А. заволи ӯ буд. *Ҳеракл* дар набард пойи А.-ро аз замин канда, ӯро хафа карда кушт. Дар пештоқи маъбади Ҳеракл дар Фива набарди Ҳеракл ва А. тасвир шудааст.

АНТЕКЛИ́ЗА (аз *анти* ва юн. klisis – моилӣ), барҷастагиҳои паҳнои қабатҳои қишри замин дар ҳудуди платформа, акси *синеклиза*. А. тарҳи нодуруст дошта, паҳноии он дар кӯндалангӣ ба садҳо км мерасад. Таҳқурсии А.-ро ҷинсҳои кристаллии токембрий ташкил медиҳанд; онҳо бо қабати ҷинсҳои таҳшин пӯшида шудаанд. А. муддати дароз инкишоф меёбад, ки чандин даврaҳои геологиро дар бар мегирад. Одатан дар тоқи А. табақаи ҷинсҳои таҳшин тунуканд ё аксар мавҷуд нестанд. Дар ин мавриd таҳқурсии платформа дар рӯи замин намоён мегардад.

АНТЕ́ННА (лот. antenna – мӯйлаби ҳашарот, мавҷгир), таҷҳизотест (одатан якҷоя бо радиоирсолкунанда ё радиоқабулкунанда) барои афканиш ва (ё) қабули радиомавҷҳо. А. тағйирдиҳандаи ҷараёни электрикии ҳудуди радиобасомад ба афканишоти электромагнитӣ ва баръакс мебошад. Шакл, андоза ва сохти А.-ҳо гуногун буда, ба дарозии мавҷҳои ирсолкунандаю қабулкунанда ва таъйиноти А. вобаста аст. А. дар шакли порчаи сими металлӣ, инчунин порчаҳои ба ҳам пайвастшуда, карнайҳои металлӣ, оинаҳои металии инъикоскунандаи сохташон гуногун, мавҷбарҳо бо деворaҳои металлӣ, ки дар онҳо сӯрохиҳо бурида шудаанд, истифода мегарданд. Ҳар як А. ҳамчун афзори хаттии ғайрифаъол бо реҷаи ирсол кардан ва қабули мавҷ кор карда метавонад. Дар ҳар ду реҷа А. бо хусусиятҳои самтгирӣ, қутбнокӣ, фазавӣ ва импеданси даромад (муқовимати электрикие, ки системаи акустикӣ барои қувватдиҳанда пешниҳод мекунад) тавсиф дода мешавад.

АНТЕРИ́ДИЙ (аз юн. antheros – шукуфон), узви ҷинсии наринаи растаниҳои спорадор, мас., *обсабзҳо, занбӯруғ, ушна* ва ғ.

А́НТИ… (юн. anti… – зид), префикс, ки маънои зиддият ё душманиро ифода мекунад, мас., *антибиотикҳо, антитоксинҳо*.

АНТИА́ПЕКС (аз *анти* … ва *апекс*), нуқтаи сфераи осмон, ки муқобили *апекс* аст.

АНТИБАРИО́НҲО, заррaҳои бунёдие, ки нисбат ба *барионҳо* антизарра мебошанд. Хусусияту умумияти ҳамаи А. ин аст, ки дар барҳӯрди онҳо бо барионҳо ҳодисаи маҳвиш (ниг. *Маҳвиш ва тавлиди ҷуфт*) эҳтимолияти хеле зиёд дорад. Дар натиҷаи маҳвиш А. ва барионҳо нобуд мегарданду ба ҷойи онҳо π-мезонҳо, *K*-мезонҳо ва фотонҳо тавлид меёбанд.

АНТИБИО́ТИКҲО (аз *анти...* ва юн. bios – ҳаёт), моддаҳое, ки маҳсули

фаъолияти микроорганизмҳо, ҳайвонот ва растаниҳо буда, рушд ва афзоиши микробҳои гуногунро қатъ менамоянд. Ҳанӯз дар а-ҳои 15 – 16 табибони халқӣ ҳангоми муолиҷаи ҷароҳати мадданок аз мағори сабз истифода мебурданд. Соли 1929 микробиологи англис А. Флеминг дар асоси таълимот оид ба антибиоз (зиддияти байни намудҳои алоҳидаи микроорганизмҳо, ки дар татқиқи он Л. *Пастер* ва И. И. *Мечников* саҳми калон гузоштанд) муайян кард, ки таъсири зиддимикробии мағори сабз ба моддаи махсус – пенитсиллин (онро мағор аз худаш ҷудо мекунад) вобаста аст. Сонитар пенитсиллини холис (бензилпенитсиллин)-ро аввал тадқиқотчиёни англис Г. Флори ва Э. Чейн (1940), баъд олимони шӯравӣ 3. В. Ермолйева ва Т. И. Балезина (1942) ҳосил намуданд. Кашфи пенитсиллин ба дарёфти А.-и нав ва манбаи истеҳсоли онҳо ибтидо гузошт. А.-ро аз намудҳои гуногуни занбӯруғҳо, бактерияҳо ва растаниҳо истеҳсол мекунанд. Баъзе А.-ҳоро аз ҳайвонот низ мегиранд. Маълум шуд, ки баъзе А. на фақат барои ангезандаи беморӣ, балки барои организми одам низ заҳрноканд. Бинобар ин ба сифати дору фақат ҳамон А. истифода мешаванд, ки ба саломатӣ зарар наоваранд, мас., пенитсиллин, стрептомитсин, тетрасиклин, левомитсетин, олеандометсин, эритромитсин ва ғ. Кашфи А. барои табобати қариб ҳамаи бемориҳое, ки ангезандаашон микробҳоанд, имконият дод. А. таъсири умумӣ надоранд ва ҳар яки онҳо фақат ба микроби муайян таъсир мерасонад. Мас., пенитсиллин ҳангоми газаки шуш, уфунат, бемориҳои римноки пӯст, дарди гулӯ ва ғ., ки микробҳои фасодовар ба вуҷуд меоваранд, шифобахш буда, ба бактерияҳои касалии сил ва дизентерия таъсир намекунад; ҳангоми бемориҳои рӯда левомитсетин ва тетрасиклин, ҳангоми баъзе бемориҳои занбӯругӣ нистатин, леворин таъсирноканд. А. маводи шифобахш бошанд ҳам, ба организми бемор метавонанд таъсири манфӣ низ расонанд. Мас., стрептомитсин, канамитсин ва неомитсин шунавоиро паст ва кори ҷиҳози мувозанатро халалдор мекунад; левомитсетин ба хуни беморон, тетрасиклин бошад, ба кори ҷигар таъсири нохуш мерасонад. Дар баъзе шахсон истеъмоли А., хусусан пенитсиллин (ҳатто миқдори хеле кам), хориши пӯст, саглес, обварам, қубоъ ва ғ-ро ба вуҷуд меоварад. Дар вақташ чора дидан (агар муолиҷа таҳти назорати духтур гузаронда шавад) имкон медиҳад, ки чунин ҳодисаҳо бо зудӣ бартараф карда шаванд. Баъзан миқдори ками пенитсиллин ё А.-и дигар, хусусан ҳангоми бо як дору такроран муолиҷа намудан, боиси сактаи анафилаксӣ мегардад. Дар ҳар ҳолат раво ё нораво будани ин ё он антибиотикро донистан лозим аст. Мас., мавриди ҳомилагӣ, қубоъ, беморихои занбӯругӣ ва дигар амрози пӯст истифодаи левомитсетин ва ҳангоми баъзе беморихои гурдаю ҷигар кор фармудани мономитсин манъ аст (онҳо ҷараёни бемориро бадтар мекунанд). Нодуруст ва беназорат истифода бурдани А. боиси рӯй додани дигар ҳодисаҳои хатарнок ҳам мешавад. Дар натиҷаи корбасти миқдори ниҳоят кам ё пеш аз мӯҳлат қатъ кардани истифодаи А. микроби бемориоваре, ки дар организми одам вуҷуд дорад, ба онҳо одат карда, устувор мегардад. Дурудароз қабул кардани дору бемории нав – кандидамикозро ба вуҷуд меоварад. Фақат назорати доимии духтур имкон медиҳад, ки муолиҷа бо А. бомуваффақият сурат гирад, хатари инкишофи микроорганизмҳои устувор кам ва оқибати бади таъсири А. бартараф карда шавад.

АНТИВИ́РУС, барномаи антивирусӣ, барномаест барои ошкор кардани вирусҳои комютерӣ ва умуман барномаҳои нозарур (ки зарарнок маҳсуб мешаванд) ва барқарор намудани файлҳое, ки аз чунин барномаҳо сироят ёфтаанд. А. инчунин барои пешгирии сироятёбии файлҳо ва системаи амалиётӣ бо ёрии ваксинатсия истифода мешавад. Таъминоти барномавии антивирусӣ аз зербарномаҳо иборат буда, барои ошкору пешгирӣ кардани афзоиш ва бартарафсозии вирусҳои компютерӣ, инчунин дигар таъминоти барномавии зарарнок таъйин шудаанд. Барои таъминоти барномавии антивирусӣ, одатан, ду тарзи аз ҳам фарқкунандаро истифода мебаранд. Тарзи якум аз аксбардории файлҳо барои ошкор кардани вирусҳои маълум иборат аст, ки ба қоидаҳои дар хазинаҳои антивирусӣ муайяншуда мувофиқат мекунад. Бо тарзи дуюм рафтори барномаи дилхоҳро, ки ба рафтори барномаи сироятёфта монанд аст, ошкор менамоянд. Бо тарзи якуми барномаи А. файлро таҳлил намуда, ба хазинаҳои антивирусӣ, ки истеҳсолкунанда таҳия кардааст, мурочиат мекунанд. Дар ҳолати мувофиқат кардани ягон қисми рамзи вирусии файли баррасишаванда дар хазина барномаи А. бо дархост файли сироятёфтаро ихтисор мекунад, ё онро дастнорас мегардонад, ё барои коркард маҳдуд месозад ва ё муолиҷа менамояд, яъне вирусро аз файл берун мекунад. Ҳарчанд барномаҳои антивирусӣ дар шароитҳои мӯътадил компютерҳоро аз сироятёбӣ бо вирус муҳофизат мекунанд, муаллифон вирусҳои нав ба нав (олигоморфӣ, полиморфӣ ва метаморфӣ) офарида, қисмҳои онҳоро чунон бо рамзҳо ифода мекунанд, ки ошкор карданашон торафт мушкил мегардад. Хазинаи А. мунтазам аз ҷониби муаллифони вирусҳо нав карда мешавад. Истифодабарандагони А. низ онро зуд-зуд бояд нав кунанд.

Асоси тарзи дуюм санҷиши рафтори барномаҳо (тамоюл аз амали дурусти онҳо) мебошад. Вақте ки компютер кори барои А. хавфнокро иҷро карданӣ мешавад, амали он қатъ мегардад ё истифодабаранда аз хатари ин барнома хабардор мешавад. Бар хилофи тарзи якум ин тарз барои муайян кардани вируси дар хазинаи антивирусӣ мавҷуд набуда кумак мерасонад.

Барномаҳои антивирусӣ камбудиҳои бисёр доранд. Ягон технологияи антивирусии мавҷуда компютерро пурра аз вирусҳо муҳофизат карда наметавонад. Барномаи антивирусӣ як қисми ҳисобкунии системаи компютерро ишғол мекунад, хусусан кори компютерҳои камиқтидор боз ҳам сусттар мешавад. Барои ошкор кардани чунин вирусҳо барномаҳои антивирусии пурқувват заруранд. Феълан телефонҳои мобилӣ (телефонҳое, ки системаи хазинаи амалиётӣ, ба монанди Symbian, Windows Mobile, Blakberry, iPhone OS доранд) низ бо вирус сироят ёфта метавонанд. Барои муҳофизати телефонҳо аз вирусҳо низ аз ҷониби таҳиягарон барномаҳои антивирусӣ пешниҳод карда мешаванд.

Д. Мӯҳсинов.

АНТИВИТАМИ́НҲО (аз *анти…* ва *витаминҳо*), пайвастҳое, ки сохти химиявиашон ба витаминҳо монанд аст, вале таъсири биологии зидди витаминӣ доранд. А. ҳангоми ба организм роҳ ёфтан ба ҷойи витаминҳо дар реаксияҳои мубодилаи моддаҳо иштирок карда, ҷараёни мӯътадили онҳоро суст ё халалдор месозанд. Ин боиси норасоии витамин дар организм мегардад (ҳатто дар сурате, ки витаминҳо ба тавассути ғизо ба организм пурра ворид ё дар организм

ба миқдори зарурӣ ҳосил мешаванд). Қариб ҳамаи витаминҳо А. доранд. Мас., А.-и витамини B_1 (*тиамин*) пиритиамин буда, он бемории *полиневритро* ба вуҷуд меорад.

АНТИ́ГУА ВА БАРБУ́ДА (Antigua and Barbuda), давлат дар Вест-Индия. Аз ҷаз-ҳои Антигуа, Барбуда ва Редонда иборат буда, аз Ш. бо Укёнуси Атлантик, аз Ғ. бо Баҳри Кариб иҳота шудааст. Масоҳ. 441, 6 км^2, аз ҷумла Антигуа – 280 км^2, Барбуда – 160 км^2, Редонда – 1,6 км^2 (ҷаз. маскун нест). Аҳолиаш 100 ҳазор нафар (2007). Пойтахташ Сент- Ҷонс, воҳиди пулӣ – доллари Кариби Шарқӣ. 1 ноябр – Рӯзи истиқлолият.






Парчам ва нишони Антигуа ва Барбуда.

Сохти давлатӣ: А. ва Б. – давлат дар таркиби Иттиҳоди Британияи Кабир. Сардори давлат – шоҳи Британия, ки ӯро дар мамлакат генерал-губернатор намояндагӣ мекунад. Мақоми қонунгузор – парламенти дупалатагӣ. Палатаи намояндагон (17 аъзо) ва Сенат (17 аъзо) ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд (аъзои Сенатро генерал-губернатор таъйин мекунад). Сардори Ҳукумат – сарвазир (инро ҳам генерал-губернатор таъйин мекунад). Ҳокимияти иҷроия – Шӯрои вазирон. Мақомоти судиро судярезиденти Суди Олии Кариби Шарқӣ (дар Сент-Люсия ҷойгир аст) идора мекунад. Дар ҷаз. Барбуда мачлиси қонунбарори мухтор – Шӯрои Барбуда (9 аъзо) амал мекунад. А. ва Б. узви СММ ва зерсохторҳои махсуси он, Ташкилоти давлатҳои Кариби Шарқӣ ва ғ. мебошад. Ҳизбҳои сиёсиаш: Ҳизби лейбористии Антигуа, Ҳизби муттаҳиди прогрессивӣ, Ҳаракати халқии Барбуда.

Табиат. Аз назари геологию орографӣ Антигуаро ба се қисм ҷудо мекунанд: хамии шим. шарқӣ, ки аз оҳаксанги марҷонӣ, хамии марказӣ, ки аз регҳои таҳшинӣ ва оҳаксанг; теппаҳои пайдоишашон вулқонӣ, ки аз ҷинсҳои кристаллӣ иборатанд. Нуқтаи баландтаринаш Богги-Пик (403 м аз с. б.). Баъзан заминҷунбӣ рух медиҳад. Пайдоиши Барбуда – марҷонӣ, заминаш мусаттаҳ, ҷойи баландтаринаш –36 м. Иқлимаш хушки тропикӣ. Ҳарорати миёнаи янв. – февр. 24°С. авг. – сент. 30°С. Боришоти солона аз 1070 то 1140 мм. Ҳар 5 – 10 сол сатҳи боришот аз 500 мм ҳам кам шуда, хушксолӣ меорад. Аз июл то окт. тӯфонҳои тропикӣ рӯй медиҳанд. Обро асосан аз чоҳҳои карстии чукуриашон 5 – 10 м мегиранд. Аз с. 1970 нисфи ҳаҷми обҳои истифодашавандаро ба воситаи таҷҳизоти махсуси (аз намак тозакунанда) ҳосил мекунанд (73 млн м^3 дар як сол). Норасоии оби ошомиданӣ мушкили экологии кишвар аст. Олами ҳайвоноташ хеле камбағал (асосан сангпушт ва калтакалос) буда, аз ҷиҳати гуногунии парандагони маҳаллӣ ва кӯчӣ (то 170 намуд) ғанӣ мебошад. Ҷаз. Редонде мамнӯъгоҳи парандагон ҳисоб мешавад.

Аҳолӣ. 89 фоизи аҳолӣ америкоиҳои африкоинажодбуда,шуморидурагаҳо – мулатҳо хеле кам аст. Сафедпӯстон – асосан англисҳо ва португалиҳо; суриягиҳо ва лубниониҳо низ ҳастанд. Диндорон бештар протестантҳои равияи англиканӣ (72%) ва католикҳо (12%) мебошанд. Забони расмӣ – англисӣ, лаҳҷаҳои маҳаллӣ низ муроввачанд. Бештари аҳолӣ маскуни Антигуа буда, дар ҷаз. Барбуда камтар аз 2 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд (зичии миёнаи аҳолӣ 1 нафар дар 1 км^2). Шаҳрнишинон – 37,1%. Дарозии миёнаи умр – 71,6 сол. 30 ҳазор шаҳрвандони А. ва Б. дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд. Аҳолӣ дар соҳаи хизматрасонӣ (туризм), кишоварзӣ ва моҳидорӣ машғуланд.

Таърих. Аввалин бошишгоҳҳои ҳиндуёни маҳаллӣ ба ҳазорсолаи 2 то м. мансубанд. Дар а. 13 мардуми бумиро қабилаҳои карибҳо танг карда баровардаанд. Аз с. 1493, баъди Америкаро кашф кардани Х. Колумб, ҷаз-ҳоро мустамликадорони Испанияю Франсия ва баъдтар англисҳо ишғол карданд ва дар ин ҷо пахта, тамоку, нил (индиго), занҷабил ва найшакар мекориданд. Британиҳо барои кор фармудан дар плантатсияҳо аз Африка ғуломонро меоварданд. Дар натиҷа, с. 1671 А. ва Б. мустамликаи Британия гашт. Баъди бекор карда шудани ғуломдорӣ (1834) талабот ба найшакар кам гардида, иқтисоди ин ҷоро суст кард. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) аз с. 1940 дар Антигуа пойгоҳҳои ҳарбӣ-баҳрӣ ва ҳарбӣ-ҳавоии ШМА ҷой дода шуданд. Солҳои 1958 – 62 А. ва Б. дар ҳайати Федератсияи Вест-Индия буд. Соли 1967 А. ва Б. қисми таркибии Иттиҳоди Британия эълон шуда, соҳиби ҳуқуқи худидоракунии дохилӣ гашт (масъалаҳои марбут ба мудофиа ва ҳалли баҳсҳои байналхалқии мамлакат бар дӯши Британия аст). 1 ноябри 1981 А. ва Б. давлати соҳибистиқлол дар таркиби Иттиҳоди Британия эълон шуд. Ба аҳолии Барбуда, ки пешвоёни сиёсиашон аз Антигуа ҷудо шуданро талаб мекарданд, ҳуқуқи худидоракунӣ дода шуд. Аз ноябри 1981 то марти 2004 Ҳизби лейбористии Антигуа ҳизби ҳукмрон буд, апр. 2004 Ҳизби муттаҳиди прогресивӣ дар интихоботи парламентӣ ғолиб омад. Дар интихоботи охирини парламентӣ бори аввал ба ҳайати ҳукумат намояндаи Ҳаракати халқии Барбуда ворид шуд.



Гӯшаи Сент-Ҷонс.



Иқтисод. Иқтисоди А. ва Б., ки наздики 300 сол ба парвариши найшакар асос ёфта буд, аз авв. с-ҳои 70 а. 20 сӯи сектори хизматрасонӣ – аввал дар соҳаи туризм ва аз с-ҳои 80 а. 20 ба соҳаи молия самт гирифт. Ох. с. 1970 корхонаҳои истеҳсолии содиркунанда ба муддати 15 сол аз андоз озод карда, с. 2000 дар Антигуа минтақаи озоди тиҷоратию истеҳсолӣ кушода шуд; дар он низ соҳибикорон аз ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуданд. Истеҳсоли ром (соле 1,5 млн л), либос, васли техникаи рӯзгор дар иқтисоди А. ва Б. мавқеи махсус дорад. Дар А. ва Б. истеҳсоли барқ, коркарди нефт (Антигуа), истихроҷи реги сохтмонӣ (Барбуда) хуб ба роҳ

монда шудааст. Давлат соҳиби замин аст. 9/10 ҳиссаи эҳтиёҷоти хӯрокворӣ аз ҳисоби воридот қонеъ карда мешавад. Сабзавоткорӣ бозори дохилиро таъмин мекунад. Пахта, мева аҳамияти содиротӣ доранд. Дар А. ва Б. саршумори чорвои калони шохдор гӯсфанду буз, инчунин мурғ зиёд аст; моҳидорӣ ва шикори харчанги баҳрӣ (барои содирот) ҳам ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Роҳҳои автомобилгард –1165км; дар ҷаз. Антигуа 2 аэродром мавҷуд аст. Содирот – мева, ҳайвонҳои баҳрӣ, моддаҳои химиявӣ, воридот – молҳои ниёзи мардум, мошину таҷҳизот, мошинҳои сабукрав, нефт. Давлатҳои харидор – ШМА, Британияи Кабир, кишварҳои соҳили Кариб, Канада. Даромад асосан аз соҳаи туризм аст. Аз с. 1982 А. ва Б. бизнеси оффшориро ривоҷ медиҳад. Дар минтақаи оффшорӣ (ҳудуди озод аз назорати асъорӣ ва сатҳи андозаш пасттарин) наздики 16 ҳазор ширкат ва 25 бонк ба қайд гирифта шудаанд. Дар соҳаи тандурустӣ системаи давлатии суғӯртаи тиббӣ ба роҳ монда шудааст. Комитети олимпии А. ва Б.-ро с. 1976 МОК ба қайд гирифтааст. Дар А. ва Б. крикет (намуди миллии варзиш), футбол, софтбол (намуди занона), голф, теннис, волейбол ва намудҳои обии варзиш тараққӣ кардааст. Таҳсил барои кӯдакон ва ҷавонони то синни 16-сола ройгон аст. Синни гирифтани маълумоти ибтидоӣ 5 – 11 сол, маълумоти миёна – 11 – 16. Маълумоти миёнаи тахассуси Коллеҷи давлатӣ ва Донишгоҳи байналмилалии технологӣ таъмин мекунад. Маълумоти олиро ҷавонони А. ва Б. дар хориҷи кишвар мегиранд. Рӯзномаи куҳантарини кишвар «The Worker Voice» буда (органи ҳизби лейбористӣ), ҳафтае 2 бор нашр мешавад, 6 пойгоҳи радио ва 2 пойгоҳи телевизион дорад. Дар А. ва Б. ҳар сол чорабинии муҳими фарҳангӣ – карнавали 10-рӯза бахшида ба бекор карда шудани ғуломдорӣ (аз с. 1834 ин ҷониб анъана гардидааст) баргузор мешавад. Ансамбли фолклории «Карибана» (ҷаз. Барбуда) дастаи ҳунарии дӯстдоштаи мардум аст. Музейи таърихӣ, музейи баҳрӣ, нигористони мусаввараҳо (намоиши осори рассомони маҳаллӣ) дорад.

Ад.: Малые латиноамериканские страны: смена экономической модели, М., 2002; Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005; Страны мира (современный справочник), М., 2008.

М. Шарифзода.

АНТИЗАРРА́ҲО, зарраҳои бунёдие, ки як қатор тавсифҳояшон аз рӯи қимати ададӣ бо тавсифҳои зарраҳои одӣ: масса, спин, спини изотопӣ (ба истиснои проексияи сеюми он), умр, ҷуфтият айнан якхелаанд тавсифҳои дигарашон (зарядҳои электрикӣ, барионӣ, лептонӣ, моменти магнитӣ, аҷобат ва ғ.) аз рӯи аломаташон (самташон) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Намунаи ҷуфти зарра-А. инҳоанд: электрон-позитрон, протон-антипротон, нейтрон-антинейтрон, нейтрино-антинейтрино ва ғ. Ҳангоми ба ҳам бархӯрдан А. ва зарра якдигарро маҳв карда, ба шакли дигари материя мегузаранд. Мафҳуми А.-ро с. 1928 П. Дирак ба физика дохил карда буд. Муодилаи релативии кашфкардаи ӯ барои электрон (муодилаи Дирак) дар ҳалли худ узверо бо энергияи манфӣ дошт. Дирак нишон дод, ки мавҳ шудани электрони энергияаш манфиро чун тавлиди зарраи (бо ҳамон як масса) энергия ва заряди электрикии мусбат шарҳ додан мумкин ва зарур аст. Соли 1932 ин зарра аз тарафи К. Андерсон дар таркиби нурҳои кайҳонӣ кашф карда шуд ва ба сабаби мусбат будани зарядаш *позитрон* (антиэлектрон) ном гирифт. Пас аз кашфи позитрон, ки назарияи Диракро ба куллӣ тасдиқ кард, ҷустуҷӯи А.-ҳои дигар оғоз ёфт. Таҷрибаҳои минбаъда муқаррар карданд, ки на танҳо электрон, балки ҳама зарраҳои мавҷуда А.-ҳои худро доранд. Дар таркиби нурҳои кайҳонӣ (1937) боз як ҷуфт зарраву А. – мюмезонҳо (μ^+ ва μ^-, массаашон баробар ба 206,7 массаи электрон), каме баъдтар (1947) зарраҳои вазнintар, пи-мезонҳо (π^+, π^- ва π^0; массаи π^+ ва π^- баробар ба 273,13 ва массаи π^0 ба 264,15 массаи электрон) ошкор гардиданд. Соли 1955 дар таҷрибаҳо оид ба пароканиши протонҳои баландэнергия ($E_P > 7{,}6$ ГэВ) дар протонҳо (реаксияи $p + p \rightarrow p + p + p + \bar{p}$) тавлиди антипротон мушоҳида шуда буд. Дар ҳамин гуна таҷрибаҳо с. 1956 антинейтрон кашф мешавад. Солҳои 50 а. 20 бо кашфи антигиперонҳо анҷом меёбад. Ҳоло ба «дугоник» – антизарра доштани ҳар як зарра ҳеҷ кас шубҳае надорад. Дар баъзе мавридҳо зарра ва А. айнан якхелаанд (γ - фотон, π^0 -мезон, η^0-гиперон, $2K^0$-мезон (K_{01} ва K_{02}), $1/\psi$-мезон). Хосиятҳои А. ба тавассути симметрияи назарияи квантии майдон (СРТ) шарҳ дода мешаванд. *Я. Ш. Самарқандӣ.*

АНТИКВА́РКҲО, зарраҳои мукобили (дугоники) кваркҳо, ки ба таркиби мезонҳо ва антибарионҳо дохиланд. Мисли адронҳо мезонҳо аз ҳолати вобастаи кварку антикварк ва антибарионҳо бошанд, аз ҳолати вобастаи се антикварк иборатанд. Спини антикварк 1/2, заряди барионiаш – 1/3 ва заряди электрикиаш ба заряди мувофиқи кварк муқобил (яъне 1/3 ва – 1/3) мебошад. Дар шаклҳои заряди электрикӣ ва барионiашон том А. инчунин қиматҳои муқобили зарядҳои зикршударо доранд. А. дорои адади квантии накҳат мебошанд, ки бо накҳати кваркҳои мувофиқ маҳв карда мешавад. Бинобар ин дар мезонҳои аз кварк иборатбуда ва А.-и онҳо накҳат гум мешавад. Чунин мезонҳо дорои «накҳати ниҳонӣ» мебошанд (ниг. *Кварконий*).

АНТИКЛИНА́Л (аз *анти* **…** ва юн. klino – хам мекунам), чини антиклиналӣ, чини болобарҷастаи қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ. Ҷойи хамгашти қабатҳоро маркази А., тарафҳои онро болҳои А. ва сатҳе, ки ҷойҳои хамгашти ҳамаи қабатҳоро бурида мегузарад, сатҳи меҳварӣ меноманд. Нисбат ба хобиши болҳо ва тамоюли сатҳи меҳварӣ чинҳои А. дар якчанд ҳолат вомехӯранд: рост, каҷ, хуфта, ё сарнагун. Дар нақша тарҳи А. гуногун мешавад: дарозрӯя – агар дарозиаш аз паҳноиаш зиёд бошад; брахиантиклинал – агар дарозиаш аз паҳноиаш зиёд бошад; гунбазшакл – агар дарозию паҳноиаш тақрибан баробар бошад. А.-и калон аз чандин А.-ҳои хурд ва *синклиналҳо* иборат аст. Одатан, дар маркази А. ҷинсҳои қадимӣ ва дар болҳои он ҷинсҳои ҷавонтар мехобанд. Аксар конҳои газ, нефт ва баъзе маъданҳо дар тоқи чинҳои А. ҷойгир мешаванд. Бисёр кӯҳҳои қисми ҷан. ғарбии Тоҷикистон, инчунин кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор аз чинҳои А. иборатанд.

АНТИКЛИНО́РИЙ (аз *анти* **…** юн. klino – хам мекунам ва oros – кӯҳ, баландӣ), маҷмӯи бузург ва сохташ мураккаби чинҳои қишри замин, ки дар натиҷаи муддати бардавом бардошташавӣ ва чиндоршавии қишри замин дар воҳидҳои геосинклиналӣ ба вуҷуд меояд. Қисми марказии А. болобарҷаста буда, тарафҳои (болҳои) он аз як қатор чинҳои хурду калон ва массивҳои лағжида иборат аст. Аксар дар қисми марказии А. ҷисмҳои калони интрузивӣ (гранитҳо ва ғ.) ҷойгиранд. Тӯли А. ба садҳо ва бараш ба даҳҳо км мерасад. А.-и калонтаринро мегантиклинорий меноманд. Кӯҳҳои Кавкази Калон ва шим. Ҳисор мисоли А. мебошанд.

АНТИ́Л, Ҷазираҳои Антил (исп. Antillos), галаҷазира дар Вест-



Парчам ва нишони Антил.

Индия, байни Америкаи Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубӣ. Аз нимҷаз-и Флорида то соҳили Венесуэла (4020 км кашол ёфтааст) воқеъ буда, Баҳри Кариб ва халиҷи Мексикаро аз Уқёнуси Атлантик ҷудо мекунад, якҷоя бо ҷаз-ҳои Багам Вест-Индияро ба вуҷуд меоварад. Ҷаз-ҳои А. ба А.-и Калон (Куба, Гаитӣ, Ямайка, Пуэрто-Рико) ва А.-и Хурд (ҷаз-ҳои Виргин, Бодрӯя ва Бодпанаҳ, Тринидад ва Тобаго, Барбадос ва ғ.) тақсим мешаванд. Масоҳ. 220 ҳазор км^2. Аҳолиаш зиёда аз 34 млн нафар (2009), бештар америкоиҳои африкоинажод. Пайдоиши ҷаз-ҳо материкию вулқонӣ буда, қисми зиёди сатҳашон кӯҳсоранд. Куба, ҷан. шарқи Гаитӣ, инчунин ҷаз-ҳои Виргину Бодпанаҳро ҳамвориҳо фаро гирифтаанд. Баландии ҷаз-ҳои А.-и Калон то 3175 м (дар Гаитӣ). Ноҳияи ҷаз-ҳои А. (ғайр аз қисми ҳамвории Куба) серзилзила буда, вулқонҳои амалкунанда бисёранд (Суфриер, Монтан-Пеле ва ғ.). Иқлими А. – тропикии сернам. Боришоти солона 1200 – 2000 мм. Дар нишебиҳои бодрӯя то 5000 мм, дар ҷойҳои бодпанаҳ – 700 – 800 мм. Охирҳои тобистон тӯфонҳои сахт рӯй медиҳанд. Наботот дар ҷаз-ҳои А. (бешаҳои тропикии баргрези ҳамешасабз ва буттазору саваннаҳо) кам боқӣ мондаанд. Дар нишебиҳои бодрӯяи кӯҳҳо бешаҳои ҳамешасабз мавҷуданд. Наботот дар қисми шимолӣ бештар ва қисми ҷанубӣ камтар ба назар мерасад. Олами ҳайвоноташ хеле камбағал аст. Ғайр аз ҳайвоноти хонагии европоиён ба ин ҷо оварда, миқдори бисёри калтакалосҳо ва парандагон ба назар мерасанд. Дар А. канданиҳои фоиданоки никел, хромит (Куба, Гаитӣ), бокситҳо (Ямайка), тилло ва нуқра мавҷуданд. Ҳудудҳои ҳифзшавандаи А.: Боғҳои миллии Синт-Кристоффел (ҷаз. Кюрасао), Вашингтон-Слагбай (ҷаз. Бонайре), Парки баҳрии Бонайре ва ғ. Дар ҷаз-ҳои А. давлатҳои Антигуа ва Барбуда, Барбадос, Гаитӣ, Доминика, Республикаи Доминика, Куба, Сент-Винсент ва Гренадина, Сент-Китс ва Невис, Сент-Люсия, Тринидад ва Тобаго, мулкҳои ШМА, Британияи Кабир, Франсия ва Нидерланд воқеанд. Як қисми ҷаз-ҳо ба Венесуэла тааллуқ доранд.Ниг. низ *Ҷазираҳои Антили* Нидерланд.

АНТИЛОГАРИ́ФМ (аз *анти* … ва *логарифм*), адади ба қимати додашудаи логарифм мувофиқ. Агар $\log N=a$ бошад, адади N антилогарифми адади a аст. Мас., антилогарифми адади 2 аз рӯи асоси 10 ба 100 баробар мебошад.

АНТИМОДДА́ ва антиолам, материяест, ки аз антизарраҳо иборат мебошад. Дар А. ядрои атом бар хилофи модда аз антипротонҳо ва антипозитронҳо иборат буда, ба ҷойи электронҳо дар лифофаи онҳо позитронҳо ҷойгир мешаванд; мас., антиатоми гидроген аз антипротон ва позитрон иборат мебошад. Зарядҳои барионӣ ва лептонии А. манфианд. Қувваҳои ядроӣ, ки устувории ядроҳои атомиро ифода мекунанд, инчунин қувваҳои электромагнитӣ ва мубодилавӣ, ки ба туфайли онҳо шаклҳои ҷойгиршавии устувори электронҳо дар атомҳо ва молекулаҳо мавҷуданд, барои А. ва модда якхела мебошанд. Аз зарраҳои А. маҷмӯъҳои ҳамон навъе, ки аз зарраҳои модда сохта мешаванд, ба вуҷуд оварда мешаванд. А.-ро дар суръатфизоҳо ба вуҷуд овардан ё дар шуоъҳои кайҳонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Соли 1965 физикони америкӣ бо роҳи таҷриба дар суръатфизо нахустин антиядро – антидейтрон (ҳолати вобастаи антипротон ва антинейтрон)-ро ҳосил карданд; чанде пас ядрои антигелий (1969) ва антитритий (1974, дар Россия) ба қайд гирифта шуданд. Ҳангоми бархӯрд бо моддаи мӯътадил маҳвшавии антизарраҳои А.-ро ташкилдиҳанда бо зарраҳои модда ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ, дар олами моро фарогирифта, ки аз модда иборат аст, А. мавҷуд нест. Аммо дар *Кайҳон* мавҷуд будани соҳаҳои аз модда дур, ки пурра аз А. иборат мебошанд, имконпазир аст. Ин соҳаҳоро антиолам меноманд. Ба илм то ҳанӯз мавҷудияти аниқи антиолам маълум нест.

АНТИМОНИ́Т (лот. antimonium – сурма), *ҷилои сурма, стибнит*, минералест аз синфи сулфидҳо – Sb_2S_3, ки ғашҳои As, Hg, Au, Ag, Pb, Bi ва дигар элементҳоро дорад, манбаи асосии сурма аст. Дар таркиби А. 71,38% Sb ва 28,62% S мавҷуд аст. Системаи кристаллиаш ромбшакл, кристаллҳояш сӯзанмонанд, сутунмонанд ё призмашакли рахдор. Рангаш хокистарӣ буда, ҷилои металлӣ дорад, сахтиаш 2 – 2,5, зичиаш 4500 – 4600 кг/м^3, ҳарор. гудозиш 546 °С, дар HCl суст ҳал мешавад. А. асосан дар конҳои сурма, сурмаю симоб, тиллою симоб ва дигар конҳои гидротермалии пастҳарорат вомехӯрад. Конҳои А. дар Тоҷикистон дар Ҷиҷикрӯд ва гурӯҳи конҳои Шинг маълуманд. Ниг. низ *Сурма*.

АНТИНЕЙТРИНО ($\bar{\nu}$), антизарраи *нейтрино*, зарраи бунёдии нейтралие, ки массаи сукунат надорад (бо саҳеҳии $5\cdot10^{-4}$ m_0, m_0 – массаи сукунати электрон). Ба фермионҳо мансуб аст (спинаш ½). А. заряди электрикӣ ва моменти магнитӣ низ надорад. Аз ин рӯ, эҳтимолияти таъсири мутақобили он бо моддаҳо бағоят хурд мебошад. Ду



Ҷазираҳои Антили хурд.



Антимонит.

навъ А. мавҷуд аст: А.-и электронӣ ($\bar{\nu}_e$), ки ҳамеша ҳамроҳи электрон пайдо мешавад ва А.-и мюонӣ ($\bar{\nu}_\mu$), ки дар натиҷаи коҳиши мюонҳо ба вуҷуд меояд.

АНТИНЕЙТРО́Н (ишорааш $\bar{n}$), антизарраи *нейтрон* (n). Мисли нейтрон заряди электрикӣ надорад. Массаву спини А. баробари массаву спини нейтрон аст, вале онҳо аломати моменти магнитии муқобил доранд. А. с. 1956 дар таҷрибаҳои пароканиши дастаи антипротонҳо аз тарафи Б. Корк, Г. Ламбертсон, О. Пиччони ва В. Венсел кашф шудааст.

АНТИ́О, афликс, форматион, $C_6H_2NO_4PS_2$, як навъ моддаи химиявӣ. Чун инсектисид ва акарасид истифода мебаранд. Дар шакли эмулсияи 25-фоиза истеҳсол мешавад. Онро ба муқобили ширинча, тортанаккана, кайки нок, баргпечаки хӯшаи ток, митта ва дигар зараррасонҳо мепошанд. Барои нест кардани ширинчаи хунин, кайки барги нок, кана ва дигар ҳашароти зараррасони дарахтони мева ба ҳар га 0,3 – 1 кг, канаву ҳашароти зараррасони растаниҳои ситрусӣ 0,5 – 1,5 кг, тортанакканаю баргпечаки хӯшаи ток 0,3 – 1 кг А.-ро истифода мебаранд. Мӯҳлати охирини пошидани А. 20 рӯз пеш аз ҷамъоварии ҳосил аст. Барои одам ва ҳайвон заҳр мебошад.

АНТИОКСИДАНТҲО́, ингибиторҳои оксидшавӣ, моддаҳои табиӣ ё сунъие, ки раванди оксидшавии моддаҳоро суст ё комилан қатъ мекунанд. Оксидшавии карбогидридҳо, спиртҳо, кислотаҳо, чарбҳо ва моддаҳои дигар ба воситаи оксиген раванди мусалсал (занҷирӣ) аст. Он бо иштироки радикалҳои озоди фаъоли пероксидӣ – RO_2^*, алкоксилӣ – RO^* ва алкилӣ – R^* сурат мегирад. Радикалҳои озод пайвастҳое мебошанд, ки дар таркибашон як электрон намерасад. Аз ин хотир онҳо электронро аз ягон молекулаи ҳуҷайраи организми зинда кашида мегиранд. Дар натиҷаи аз байн рафтани мувозанати дохилиҳуҷайравӣ реаксияи силсилавӣ оғоз меёбад, ки боиси тавлиди миллиардҳо радикалҳои фаъоли нав мегардад. Радикалҳои фаъол боиси ихтилоли мубодилаи модда ва тавлиди захрҳо гашта, организмро ба бемориҳо гирифтор мекунанд. Механизми таъсири аксари А. (мас., аминҳои хушбӯй, фенолҳо, нафтолҳо ва ғ.) гусастани силсилаҳои реаксия мебошад. Дар рафти он молекулаҳои А. бо радикалҳои фаъол ба реаксия даромада радикалҳои фаъолияти химиявиашон суст ҳосил менамоянд. Моддаҳое, ки гидропероксидҳоро таҷзия мекунанд, монанди диалкилсулфидҳо, раванди оксидшавиро метавонанд суст намоянд. Дар натиҷа суръати тавлиди радикалҳои озод паст мешавад. А. дар таркиби меваҳои тару тоза ва шарбати онҳо мавҷуданд. Таъми меваҳои дорои А. турш ё турши ширин ва рангашон кабуд ё кабуди сурхфом мебошад (ангур, анор, қот, ғубайро ва ғ.). Дар байни нӯшокиҳо А. бештар дар чойи сабз, шароби сурх ва чойи сиёҳ дида мешавад. Барои аз оксидшавӣ нигоҳ доштани маводи ғизоӣ ба таркиби онҳо А.-и табиӣ – токоферолҳо (витаминҳои Е) ва сунъӣ – эфирҳои пропилӣ ва додетсилии кислотаи 3, 4, 5-тригидроксибензоат, бутилокситолуол ва ғ. илова менамоянд. Пектин, витамини С, ҷавҳари лиму низ ҳамчун А. ба таркиби моддаҳои ғизоӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Ад.: Эмануэль Н. М., Лясковская Ю. Н., Торможение процессов окисления жиров, М., 1961; Эмануэль Н. М., Денисов Е. Т., Майзус З. К., Цепные реакции окисления углеводородов в жидкой фазе, М., 1965.

Т. Идрисов.

АНТИО́Х (юн. Antiochos)), номи 12 тан аз шоҳони силсилаи *Селевкиён*, ки пас аз марги *Искандари Мақдунӣ* дар Осиёи Хурд ва Эрон ҳукмронӣ кардаанд. Фаъолиятҳои сиёсӣ ва низомии бархе аз онон иртибот бо таърихи Эрон ва Осиёи Марказӣ доштаанд.

Антиохи I, маъруф ба Сотер (наҷотдиҳанда), писари Селевки I Никатор. Модараш Опама духтари яке аз ашрофони Бохтар ба исми Спитамон буд. Ҳукмр. с-ҳои 281 – 261.

Дар ибтидо ҳамроҳ бо падараш ҳукумат мекард ва дар айни замон ҳокими бахши шарқии давлати селевкиён, яъне манотиқи Эрони имрӯза ва *Бохтар* буд. Ӯ аз с. 280 то м. ҳокими мустақил шуд. Бохтар яке аз марказҳои муҳими давлати селевкиёни шарқӣ буд ва А. I ба номи худ сикка зарб зад. Муҳимтарин иқдоми сиёсӣ ва низомии А. I дафъи ҳамлаҳои қавмҳои бодиянишин буд. Дар замони ҳукумати ӯ ду юриши зидди ақвоми бодиянишинон сар заданд: яке аз тариқи роҳи заминӣ зидди саҳрогардони он сӯи Яксарт (Сирдарё; тақр. 293 – 289) ва дуюм аз тариқи дарёи Хазар зидди массагетҳо (бо роҳбарии Патрокл, 295 – 280). А. I дар ободонии шаҳрҳо ва ривоҷи муносибатҳои тиҷоратӣ таваҷҷӯҳи хосе дошт. Чунончӣ дар минтақаҳои шарқии давлати худ шаҳрҳо ва ободиҳои бисёри юнонинишинеро, ки дар натиҷаи ҳамлаҳои қавму қабилаҳои бодиягард хароб шуда буданд, аз нав обод намуд. Дар Марв ба ҷойи шаҳри вайроншудаи Искандария шаҳри наве бо номи Антиох бино ниҳод ва гирдогирди шаҳрро бо девор иҳота кард. Бархе аз муҳаққиқин мӯътақиданд, ки А. I дар Бохтар ба ш. Искандарияи назди Окс – шаҳри ҷадид ба номи Антиохияи Тармата бунёд гузошт. Ҳамчунин ӯ шаҳри наверо бо номи Антиохияи сакоӣ ба ҷойи ш. Искандарияи Ақсо таъсис кард. Вай ҳамчунин дар мулки Арея (Ҳирот) ба ҷойи ш. Гераклея ш. нави Ахаидаро бино намуд. Аммо воқеаҳои қисми ғарбии давлати селевкиён чунон шакл гирифт, ки А. I тарки Бохтар кард ва пас аз ин нисбат ба вазъи минтақаҳои шарқии давлати худ таваҷҷӯҳи камтаре зоҳир намуд. А. I барои рафъи душманони хеш дар ҷанги Осиёи Хурд (277 то м.) аз сатрапи Бохтар Диодот дархост намуд, ки сипоҳи селевкиёнро бо 20 фили ҷангӣ таъмин намояд ва дар воқеъ, дастури А. I иҷро шуд. Маҳз бо кумаки низомӣ ва молии сатрапи Бохтар А. I дар набарди с. 275 пирӯз гардид. Бузургтарин ҷанги А. I юриши ӯ муқобили ҳокими Миср – Птолемейи II (Батлимуси II) буд, ки дар таърих ба номи «Ҷанги Сурия» (274 – 271) машҳур аст.

Антиохи II. Номи аслиаш Теос (286 – июл/авг. 247 ё 246), писари Антиохи I. Солҳои ҳукуматаш 261 – 246. Бештари давронӣ ҳукмрониаш дар юришҳо ва ҷангҳо гузаштааст. Вай ҳам мисли падараш муқобили ҳокими Миср – Птолемейи II (Батлимуси II) ҷангҳо кардааст, ки дар таърих бо номи «Ҷанги дуюми Сурия» маъруф аст (тақр. 258 – 253). Дар охирҳои ҳукумати А. II Андрагор (сатрапи Порт) ва Диодот (сатрапи Бохтар) истиқлол ёфтанд (256 то м.). Намунаҳои сиккаи А. II ва Диодот, ки дар Бохтар зарб зада шудаанд, то ҳоло боқӣ мондаанд.

Антиохи III. Номи аслиаш Мегас (242 то м. – қатл 187 то м.). Писари дуюми Селевки II. Вай бо номи Антиохи Кабир низ машҳур аст. Солҳои ҳукуматаш 223 – 187. А. III пас аз марги бародараш Селевки III бар тахт нишаст. Дар замони ҳукумати ӯ дар саросари давлатдории селевкиён шӯришҳои истиқлолхоҳонаи сатрапҳо сар заданд. Ҳамаи шӯришҳо бераҳмона саркӯб шуданд. А. III с. 219 то м. бо Миср ҷангид ва минтақаҳои Келесария, Финикия, Фаластин ва бархе аз навоҳии соҳили д. Медитрона (Баҳри Миёназамин) - ро тасарруф намуд, вале дар набарди Рафия (217 то м.) аз сипоҳиёни мисрӣ шикаст хӯрд ва минтақаҳои тасхиршудаашро аз даст дод. Юришҳои шарқии ӯ бамаротиб муваффақомез буданд. Соли 209 то м. А. III бо 120 ҳазор сипоҳӣ ба Порт ҳамла кард ва онро ба тобеияти худ даровард. Сипас ба ҷониби Бохтар равон шуд ва шоҳи он Эвтидемро шикаст дод (208 то м.). Бо вуҷуди ин Бохтар тавонист истиқлоли худро ҳифз намояд. Пас аз ин, А. **III** ва Эвтидем барои фатҳи Ҳинд иқдом карданд (206 то м.). Пас аз юриши «шарқӣ» - и худ А. **III** лақаби «Антиохи Кабир»-ро гирифт. Соли 203 то м. ӯ Фаластини Мисрро ба тасарруфи худ даровард, вале дар ҷанги зидди Пергам, ки ҷиҳати тасхири ш-ҳои Осиёи Хурд ва Фракия иқдом карда буд, шикаст хӯрд («Ҷанги сеюми Сурия», с-ҳои 192 – 188). Дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ ва пурхароҷот иқтидори низомӣ ва иқтисодии давлати селевкиён заиф шуд ва давлатҳои Порту Бохтар ба куллӣ соҳиби истиқлол шуданд.

Антиохи IV. Номи аслиаш Эпифан, писари Антиохи III. Солҳои ҳукуматаш 175 – 163 то м. Замони ҳукумати ӯ низ мисли даврони падараш пур аз ҷангу набард аст. Дар с-ҳои 169 – 168 ба Миср ҳамла кард, вале бо исрори Рим аз идомаи ҷанг даст кашид. Дар бозгашт аз ин юриши худ ибодатхонаи Байтулмуқаддасро ғорат кард ва 10 ҳазор нафарро ба асорат гирифт. А. IV ба Порт низ юриш кард, вале чандон муваффақ набуд. Вай ба Арманистон низ ҳамла кард ва шоҳи шӯришгар - Артаксийро асир гирифт. Феҳристи боқии шоҳони севлевкӣ, ки ба номи А. маъруф будаанд, ба ин зайл аст: Антиохи V Эвпатор (163 – 162 то м.), Антиохи VI Эпифан (145 – 141 то м.), Антиохи VII Сидет (139 – 129 то м.), Антиохи VIII Грип (125 – 96 то м.), Антиохи IX Филопатор (115 – 95 то м.), Антиохи X Евсеб (95 – 92 то м.), Антиохи XI Эпифан Филоделф (93 то м.), Антиохи XII Дионис (98 – 86 то м.).

Л. Бойматов.

АНТИО́ХИ АСКАЛОНӢ (такр. с. 130 – такр. с. 68 то м.), файласуфи Юнони Қадим, шогирди Филони Ларисӣ. Академияи афлотунияро аз скептитсизм (шаккокия) ба догматизм (тафаккурест, ки ҳар гуна дониши навро маҳсул ё парвардаи ҳақиқати абадии азалӣ мешуморад) баргардонд. Аз ин рӯ, ӯро асосгузори академияи панҷум меноманд. Таъсири стоитсизм (равоқия) дар осораш намоён аст, А. А. таълимоти ин равияро ҷонибдорӣ мекунад, ҳарчанд ба ақидаи ӯ дар фаҳмиши «табиӣ зистан» фақат бо накӯкорӣ қаноат кардан кифоят нест, бояд аз неъматҳои табиӣ баҳра бурд. Дар маҷмӯъ А. А. заминаро барои афлотунияи миёна омода кард, аммо аз унсурҳои равоқиягии он пурра даст кашидааст.

АНТИПИРЕ́Н (аз *анти* … ва юн. руг – оташ), модда ё омехтае, ки чӯб, матоъ ва маводи дигари органикиро аз оташ гирифтан ҳифз менамояд. А. дар ҳарор. паст гудохта шуда, пардаи муҳофиза пайдо мекунад, ки он роҳи ҷараёни оксигенро ба дарунни мавод мебандад. Ҳангоми гарм шудан А. вайрон шуда, газҳои инертӣ ё буғ хориҷ мекунад ва ба афрӯзиши минбаъдаи газҳои аз мавод ҷудошуда монеъ мегардад. А.-ҳои маъмул инҳоанд: Al $(OH)_3$, пайвастҳои танакор, фосфатҳои аммоний (диаммонийфосфат, моноаммонийфосфат, омехтаи моно- ва диаммонийфосфат), сулфати аммоний.

АНТИ́ПОВ-КАРАТА́ЕВ Иван Николаевич (1. 9. 1888, деҳаи Тенеевои уезди Стерлитамаки губернияи Уфа



– 3. 7. 1965, Боку), хокшинос, агрохимик, акад. АИ РСС Тоҷ. (1951), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1946). Донишкадаи муаллимии ш. Уфа (1914) ва Донишгоҳи давлатии Москва (1927)-ро хатм кардааст. Аз с. 1926 то ох. умр ходими илмии Ин-ти хокшиносии ба номи В. В. Докучаев, ҳамзамон асосгузор ва роҳбари илмии Стансияи хокшиносию мелиоративии Вахш (1936 – 51) ва аз с. 1951 роҳбари илмии Ин-ти хокшиносии АИ РСС Тоҷ. буд. Ӯ муаллифи зиёда аз 300 асари илмист, ки асосан ба масъалаҳои хокшиносӣ, агрономия, мелиоратсияи комплексии заминҳои шӯр, аз ҷумла роҳҳои беҳтар намудани ҳосилхезии заминҳои вил. Хатлон, Помири Шарқӣ ва мавзеи Мирзочӯл оиданд. А.-К. аъзои фахрии Ҷамъияти умумииттифоқии хокшиносон (аз 1951) буд. Дорандаи Мукофоти ба номи В. В. Докучаев (1964) ва ба номи Г. Димитров (1960). Бо 4 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени «Барои хизматҳои граждани» (Булғория), медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

Ос.: Почвы Вахшской долины и их мелиорация, Д., 1947; Почвенные и почвенно-мелиоративные исследования в Таджикистане, Д., 1950; Влияние длительного орошения на процессы почвообразования и плодородие почв степной полосы Европейской части СССР, М., 1955.

АНТИПРОТО́Н, (ишорataш $\bar{p}$), антизарраи *протон*. Массаву спини А. ва протон баробаранд; заряди барионӣ, электрикӣ ва моменти магнитии онҳо низ аз ҷиҳати бузургӣ баробаранд, вале аломати муқобил доранд. А.-ро с. 1955 ҷ. Сегре (ШМА) бо кормандони худ кашф кард. Ҳангоми бо протон ва нейтрон маҳв шудани А. зарраҳои нав (антинейтрон, π- мезон) ба вуҷуд омада, энергияи калон хориҷ мешавад.Ниг. низ. *Антизарраҳо.*

АНТИРАКЕ́ТА (аз анти … ва ракета), ракетаи зидди ракета; ракетаест, ки дар ҳаво ракетаҳои душманро пешгирӣ ва нобуд мекунад.

АНТИСЕМИТИ́ЗМ (яҳудситезӣ), хусумати миллӣ ва динӣ нисбат ба яҳудиён, ки дар Европа оғоз ёфта буд. Яке аз сабабҳояш муваффақияти яҳудиён дар заминаҳои тиҷорату бозаргонӣ буда, ихтилофи мазҳаб баҳонае мешуд барои ранҷу озори яҳудиён. Таассуби нажодӣ аз с-ҳои 70 а. 19 оғоз ёфта, с-ҳои 80 а. 19 дар Германия ва Австро-Венгрия ҳизбҳои сиёсии зидди яҳудӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд. Оғози а. 20 эҳсосоти шадиди зиддияҳудӣ дар Франсия ҳукмрон гардид. Солҳои 1905 – 09 дар Россия, бахусус дар Литва, Полша ва Украина ҳаракатҳои зиддияҳудӣ бисёр авҷ гирифтанд. Дар ин солҳо бо дасти гурӯҳҳои террористӣ такр. 50 ҳазор яҳудӣ ба қатл расид. Дар фосилаи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ мавҷи А. кишварҳои Руминия, Полша ва Венгрияро фаро гирифт. Дар с-ҳои 20 ва 30 а. 20 тарғибу тарвиҷи зиддияҳудӣ ва бартарии нажоди ориёӣ аз ҷониби Гитлер ва ҳаммаслаконаш ба авҷи аъло расид. Дар кулли нобасомониҳои Германия яҳудиён гунаҳкор дониста мешуданд. Издивоҷи яҳудиён бо

ориёиҳо мамнӯъ эълон гардид ва ин қавм аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум карда шуд. Бар асоси қонунҳои с. 1938 моликияти яҳудиёни Германия мусодира гардид. Дар байни с-ҳои 1939 – 45 аз се як ҳисаи яҳудиёни ҷаҳон нобуд карда шуданд. Бо авҷ гирифтани ҷунбиши сионистӣ (сионизм) ва ташкили давлати Исроил дар с. 1948 эҳсосоти зиддияҳудӣ дар Шарқи Наздик дубора авҷ гирифт.

Қ. Расулиён.

АНТИСЕ́ПТИКА (аз *анти...* ва юн. septikos – мадданок), маҷмӯи тадбирҳоест барои безарар гардондани ҷароҳат ва тамоми он чӣ ки ҳангоми муолиҷа истифода мешавад. А.-ро бар зидди бактерияҳое, ки ба ҷароҳат ворид шудаанд, кор мефармоянд, аз ин рӯ он бештар аҳамияти табобатӣ дорад. То пайдоиши моддаҳои антисептикӣ бемориҳоро бо роҳи ҷарроҳӣ кам табобат мекарданд, зеро баъди ҷарроҳӣ оризаҳои гуногун (саромос, уфунати хун ва ғ.) ба вуҷуд меомаданд. Соли 1863 микробиологи франсавӣ Л. Пастер собит кард, ки пӯсиш ва туршшавӣ ба фаъолияти микроорганизмҳо вобаста аст. Ҷарроҳи англис Д. Листер дар асоси тадқиқоти Л. Пастер ва мушоҳидаҳои худ ба хулоса омад, ки сабаби оризаҳои уфунатӣ микроорганизмҳое мебошанд, ки ба ҷароҳат ворид шудаанд. Ӯ аввалин шуда усули муборизаро бар зидди микроорганизмҳо пешниҳод кард ва онро А. номид (1867). Усули мазкур ба ҷароҳат роҳ ёфтани микробҳоро пешгирӣ ва микробҳои ба ҷароҳат афтодаро нобуд мекард. Чун воситаи бактерисидӣ (микробкуш) кислотаи карболат истифода мешуд. Бо маҳлули он асбобу анҷоми ҷарроҳиро безарар мегардонданд, духтур дастонашро пеш аз ҷарроҳӣ мешуст, маҳлулро ба хонаи ҷарроҳӣ мепошиданд. Аммо баъд маълум гардид, ки кислотаи карболат захри қотил буда, метавонад бофтаҳои ҷароҳатро нобуд кунад, ҳангоми нафасгирӣ боиси захролудии организм шавад. Лозим омад, ки аз чунин антисептик даст кашанд. Аммо инкишофи А. ба туфайли моддаҳои нав, ки таъсирашон зудтару захрнокиашон камтар буд, давом кард. Ҳамзамон ҷустуҷӯи усулҳое, ки микробҳоро безарар гардонанду барои организм беосеб бошанд, оғоз ёфт. Муқаррар гашт, ки микроорганизмҳо аз таъсири ҳарор. баланд нобуд мешаванд. Ҷарроҳи немис Э. Бергманн тарзи нави безараргардониро кашф намуд ва онро *асептика* номиданд. Бо ёрии маводи А. имкон дорад, ки баъзе касалиҳои ангезандаашон микробҳои уфунатӣ (мас., мастит) бе ҷарроҳӣ табобат карда шаванд. Вале ин воситаҳо ҳамеша натиҷа намебахшанд. Мас., молидани маҳлули спиртии йод бактерияҳои захми сатҳи пӯст, пучак, ҷои харошхӯрдаро ҳамон вақт комилан нобуд ва иллатро дуруст мекунад, ки агар микробҳо такроран сироят нанамоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми расондани ёрии аввалини таъҷилӣ (дар аснои яродор шудан, сӯхтагӣ) қоидаҳои одитарини асептикиро риоя бояд кард. Дар хона нигоҳ доштани матои захмбандӣ (дока ва пахтаи тамйизшуда) ва бинт лозим аст. Масолеҳи захмбандие, ки аз дорухона гирифтаанд, дар сурате тоза (безарар) мемонад, ки халтачаи он нодарида ё тар нашуда бошад. Пеш аз кушодани халтача дастҳоро бо собун тоза шуста, хушк кардан ва спирт ё атр молидан лозим аст. Хуб мешуд, ки дар хона пинсет ҳам бошад. Онро пеш аз истифода 10 дақ. дар об меҷӯшонанд. Ҳангоми захмбандӣ масолеҳи захмбандиро бояд аз як кунҷаш гирифт (на аз ҷое, ки ба сатҳи ҷароҳат мерасад). Халтачаи захмбандии шахсӣ барои истифода хеле мувофиқ аст. Дар сурати набудани масолеҳи захмбандии тамйизшуда матои пахтагии тозаю дарзмолкардаро низ кор фармудан мумкин.

Ад.: Красильников А. П., Справочник по антисептике, Минск, 1995; Санитарные правила и нормы, Минск, 1999; Щербо А. П., Больничная гигиена, С.-Пб., 2000.

А. Достиев.

АНТИСЕ́ПТИКҲО (аз *анти...* ва юн. septikos – мадданок), навъе аз моддаҳои зидди уфунат. А. фаъолияти микроорганизмҳоро суст мекунанд ё афзоиши онҳоро бозмедоранд. Аз пайвастҳои органикӣ, хоса намакҳои металлҳои вазнин (симоб ва нуқра) А.-и қавианд. Маҳлули ғилзаташ 1:1000-и онҳо дар чанд сония бактерияҳоро маҳв менамояд. Ғилзати камтарини ионҳои тилло, мис, руҳ ва махсусан нуқра ба микроорганизмҳо таъсири марговар дорад. Бисёр оксидкунандаҳо, мас., хлор, озон, йод, пероксиди гидроген, перманганати калий ва кислотаҳои минералӣ (кислотаҳои сулфат, борат, гидрогенфторид), ҳамчунин гидрогенсулфид, оксиди карбон, формалдегид, гази сулфид, оксиди этилен, гази карбонат, пайвастҳои органикӣ (фенол, крезол, формалин), баъзе спиртҳо, кислотаҳои салитсилат, бутанат, атсетат, бензоат ва сорбин барои микроорганизмҳо захр мебошанд. А. ба микроорганизмҳо таъсири гуногун мерасонанд. Баъзеи онҳо (мас., намакҳои металлҳои вазнин, спиртҳо, фенол) сафедаи ситоплазмаро лахта мебандонанд, дигарашон (кислота ва ишқорҳо) сафедаҳоро гидролиз мекунанд, сеюмӣ (хлор, пероксиди гидроген, озон) боиси дар ситоплазма ба вуқӯъ пайвастани раванди оксидшавӣ мегарданд. Дар натиҷаи таъсири А. фаъолияти ферментҳои гуногун суст мешавад. Дараҷаи таъсири А. ба ғилзат ва давомоти таъсир, ҳарорат, бузургии муҳити pH ва таркиби химиявии онҳо вобаста аст. Дар майкашӣ баъзе А.-ро чун воситаи безараргардонӣ ва консервант истифода мебаранд. Барои безараргардонии таҷҳизот ва зарфҳо беш аз ҳама кислотаи сулфат, ангидриди сулфат, баъзан антиформин, дезмол, ба сифати консервантҳои шираи ангур ва май кислотаҳои сулфат ва сорбинро кор мефармоянд. Дар боғу токдорӣ А. барои аз занбӯруғҳо муҳофизат кардани сутунҳои чӯбин истифода мешаванд.

АНТИСИКЛО́Н (аз *анти…* ва *сиклон*), туғёни азими атмосферии шаклаш гирдбодӣ, ки дар натиҷаи баланд шудани фишори ягон минтақаи атмосфера ба вуҷуд меояд. Паҳноии А. то ҳазорҳо км мерасад. Сохт ва хусусиятҳои А. муқобили сохт ва хусусиятҳои *сиклон* аст. Дар харитаҳои тақсимоти фишор А. бо изобараҳои (хатҳои фишори якхела) ҷамъшудаи сарбасти тақр. байзашакл ифода мегардад. Фишори ҳаво дар маркази А. аз ҳама бештар шуда, то $1{,}025 \cdot 10^5$ – $1{,}14 \cdot 10^5$ Па (дар сатҳи баҳр), баъзан (мас., зимистон дар Осиё) то $1{,}07 \cdot 10^5$ Па мерасад (ҳол он ки фишори миёна дар сатҳи баҳр $1{,}01 \cdot 10^5$ – $1{,}015 \cdot 10^5$ Па аст). А. дар *тропосфера* муштарак бо сиклон вусъат меёбад. А. ва сиклон қисмҳои даврзании умумии



Тарҳи антисиклон дар Нимкураи Ҷанубӣ.

атмосферааnd, ки боиси мубодилаи байнимарзии ҳаво мегарданд. Баъзе А.-ҳо чанд шабонарӯз, ҳатто чанд ҳафта вуҷуд дошта метавонанд. А.-ҳо ҳам мисли сиклон ба самти интиқоли умумии ҳаво, яъне аз Ғарб ба Шарқ, лекин бо тамоюле ба тарафи арзҳои поён ҷой иваз мекунанд. Суръати миёнаи интиқоли А. дар Нимкураи Шимолӣ то 30 км/соат, дар Нимкураи Ҷанубӣ то 40 км/соат, дар Осиёи Марказӣ тобистон то 49 км/соат, зимистон то 60 – 65 км/соат мерасад. Дар Нимкураи Шимолӣ бод дар атрофи маркази А. ба самти акрабаки соат ва дар Нимкураи Ҷанубӣ баръакси он ҳаракат мекунад. Омӯхтани пайдоишу ҳаракати А. барои пешгӯии обу ҳаво ниҳоят муҳим аст.Ниг. низ *Даврзании атмосфера*.

АНТИСФЕ́НИ АФИНӢ (тақр. 455 – тақр. 360 то м.), файласуфи Юнони Қадим, шогирди Горгий, пайрави *Суқрот*. Муаллифи зиёда аз 70 асар оид ба фалсафа , илми маъонӣ ва баён. Фалсафаи А. унсурҳои гуногуни ҳикмати замонашро фаро гирифта, ниҳоят ихтилофомез аст, дар таълимоташ асосҳои ҷараёнҳои калбия, равоқия, шаккокия фаровон ба назар мерасанд. Аммо аз осори то ба ҳол расидаи А. бармеояд, ки ӯ ба принсипҳои ягонаи зӯҳд ё парҳезкорӣ сахт моил будааст, ба сифати меъёр табиатро пешниҳод мекунад. Дар мантиқ ва диалектика А. худро чун ҳарифи софистҳо (онҳое, ки муҳокима ва мулоҳизаашон дар тафсири духӯраи мафҳумҳо асос ёфта, зоҳиран дуруст менамоянд, вале дар ҳақиқат беасосу ботиланд) мебарояд, ҳарчанд дар эҷодиёти адабӣ ӯро шогирди софистҳо мешуморанд. Бе вайрон кардани қонуни айният ё шабоҳат А. ақида дорад, ки ҳамли субъект аз хабарияти мушобеҳи он номумкин аст, яке ба воситаи дигаре муайян намешавад. Этикаи (ахлоқ) А. ба принсипҳои зоҳидона асос ёфтааст, набояд ба мӯҳтоҷӣ тан дод, аз неъматҳои моддӣ ба қадри кофӣ истифода бурдан лозим аст. Дар соҳаи сиёсат А. давлату фаъолияти сиёсиро инкор менамуд, ба андешаи ӯ баробарии одамон табиӣ нест . Дар асараш «Геракл» идеали ҳокими ломакону бенаворо офаридааст, ки ба ҳама заҳмату ранҷу ҷафо тоб меорад, ӯ зоҳиран гадо, аммо ботинан шоҳест. Дар китоби «Кира» А. шоҳи идеалиро тасвир кардааст. А. ба Протагор , ҳарифонаш Афлотуну Исократ таъсир расонда , муаллими Диогени Синопскӣ маҳсуб меёбад.

АНТИТЕ́ЗИС (муқобилгузорӣ), ҳукмест, ки муқобил ё зидди *тезис* гузошта мешавад. Дар мантиқ А. муқаддимаи мабдаи истидлоли мантиқӣ дар *исботи хулф* аст, А. дар ду шакл истифода мешавад: 1) нисбат ба тезис ҳамчун як ҳукми алтернативӣ, мас., Т барои тезиси Т А. мебошад; 2) аъзои боқимондаи дизюнксия, дар ҳукмҳои мунфасила, мас., А.-и ҳукми AVBVC ҳукмҳои В ва С мебошанд. Вобаста ба сохти А. ду навъи исботро фарқ мекунанд: а п а г о г ӣ ва м у н ф а с и л а. А. ҳамчун яке аз марҳалаҳои инкишоф дар системаи диалектикии Гегел мақоми махсус дорад, зеро дар назарияи таслис (триада)-и ӯ пас аз тезис унсури дуюминро ташкил медиҳад. Аз назари Гегел ҳар гуна инкишоф се марҳаларо аз сар мегузаронад: тезис, А. ва синтез. Лекин А. тезисро пурра инкор накарда, ҷиҳатҳои мусбати онро нигоҳ медорад. Ба тавассути ҷиҳатҳои мусбат имконияти муайян кардани робитаи чизи кӯҳна ва нав пайдо мешавад, ки ин синтез аст. Аз ин рӯ, синтез шароит ва лаҳзаи инкишоф мебошад. А. лаҳзаи инкорро дар ҷараёни инкишофи диалектикӣ ташкил медиҳад. Вале дар системаи диалектикии Гегел ҷараёни инкори тезис ба тавассути А. ва инкори он аз тарафи синтез қонуни олами моддӣ набуда, балки хосияти инкишофи идеяи мутлақ аст. Сарфи назар аз ин, Гегел тавонистааст, ки хислати диалектикии инкишофи воқеиятро дар шакли идеалистӣ собит намояд.

Н. Сайфуллоев.

АНТИТОКСИ́НҲО (аз *анти…* ва *токсинҳо*), як навъ сафедаҳои махсус (*антиҷисмҳо*), ки заҳри микроорганизмҳо, растанӣ ва ҳайвонот *(мор, гунда)*-ро безарар мегардонанд. Ниг. низ *Подзаҳр.*

АНТИФЕРРОМАГНЕТИ́ЗМ, ҳолати муназзами магнитии моддаҳои кристаллӣ, ки дар он моменти магнитии ҳама ё қисми атомҳо (ионҳо) дар гиреҳҳои панҷараи кристаллӣ тавре самтнок шудаанд (одатан, муқобилсамт), ки магнитнокии умумии модда баробари сифр аст. Таҳти таъсири майдони магнитии беруна антиферромагнетикҳо ба магнитнокии хурд соҳиб мегарданд. Зиёдшавии ҳарорат то нуқтаи Неел магнитнокиро бартараф намуда, онро ба ҳолати парамагнитӣ мегузаронад (ниг. *Парамагнетизм*).

АНТИФРИ́З (аз *анти…* ва англ. freeze – ях бастан), маҳлули обии баъзе моддаҳо, ки аз сармо ях намебандад. А.-ро зимистон ба системаи сардонии муҳаррики дарунсӯз мерезанд. Барои муҳаррикҳои дарунсӯз истифодаи А.-ҳое, ки дар таркибашон этиленгликол, обу спирт, обу глитсерин, маҳлули баъзе намакҳои ғайриорганикӣ ва ғ. доранд, мувофиқтар аст. А.-ро барои ях набастани шишаи мошин низ истифода мебаранд. А.-е, ки аз омехтаи этиленгликол ва об иборат аст, бештар истифода мешавад. Этиленгликол моеи часпаки берангу бӯй буда, ҳарор. ҷӯшишаш 197,4° аст. Дар саноат ду навъи А.-и этиленгликолӣ (40 ва 65; рақамҳо ҳарор. яхбандии онҳоро нишон медиҳанд) истеҳсол мешавад. А.-и этиленгликолии 40 аз 53% этиленгликол ва 47% об, А.-и этиленгликолии 65 бошад, аз 65% этиленгликол ва 35% об иборат аст. Пеш аз рехтани А. системаи сардонии муҳаррикро тоза мекунанд. Агар дар таркиби А. зарраҳои гуногун вуҷуд дошта бошанд, онро бо чанд қабат матоъ полоидан лозим аст. А.-ро назар ба об 5 – 7% камтар мерезанд, зеро он вақти гарм шудан ҳаҷман васеъ мегардад. Ҳангоми кор кардани муҳаррик миқдори А. дар натиҷаи бухор шудани оби маҳлул кам мешавад. Бинобар ин дар мавриди кам шудани А. ба системаи сардонӣ оби соф илова кардан лозим аст. А.-и этиленгликолӣ заҳр буда, металлу резинаро вайрон мекунад. Барои пешгирӣ намудани ин ҳолат ба чунин А.-ҳо моддаҳои махсус ҳамроҳ менамоянд. Ҳангоми бо А. кор кардан эҳтиёт бояд шуд. Бо даҳон ба тавассути рӯдаҳои резинӣ берун кашидани А. метавонад боиси заҳролудӣ ва ҳатто марг гардад. Кӯшидан лозим аст, ки А. ба пӯст нарасад. Дар мавриди ба муҳаррик рехтани А. дастпӯшаки резинӣ пӯшидан лозим аст. Системаҳои сардонӣ ҳангоми рехтани А. бояд аз боқимондаҳои равған ё керосин тоза бошанд, зеро А. дар натиҷаи бо ин моддаҳо омехта шудан, сахт кафк карда, дамида мебарояд. А.-и ба системаи сардонӣ рехтаро то охирин рӯзҳои сармо иваз намекунанд.

Аз с. 2008 навъи нави А. мавриди истифода қарор гирифт, ки асоси органикии онро ингибиторҳои минералӣ ташкил медиҳанд.

Ад.: Бондарь В. А., Зоря Е. И., Цагарели Д. В., Операции с нефтепродуктами, М., 1999; Сметанин В. И., Защита окружающей среды от отходов производства и потребления, М., 2000.

АНТОКО́ЛСКИЙ Павел Григорьевич (19. 06. 1896, Петербург – 9. 10. 1978, Москва), шоир, тарҷумони рус. Соли 1904 бо оилаашон ба Мос-

ква кӯчид. Ба фак-ти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Москва дохил шуд (таҳсилро ба охир нарасонд). Асарҳояш аз с. 1918 ба табъ расидаанд. Маҷмӯаи нахустинаш с. 1922 чоп шуд. Солҳои 1919 – 34 дар студияи драмавие, ки ҳунарманди маъруфи рус Е. Б. Вахтангов сарвараш буд ва сипас дар Театри ба номи Е. Б. Вахтангов кор кардааст. Дар солҳои ҶБВ (1941 – 45) саркори театри фронтӣ буд. Доираи фаъолияти эҷодии А. чун шоир ва нависанда доманадор ва пурвусъат буд. Ӯ доир ба Франсия, аҳли адаби ин кишвар, доир ба ҳаёту зиндагии мардуми собиқ кишвари шӯравӣ, корнамоиҳои мардуми шӯравӣ дар солҳои ҶБВ асарҳои манзуму мансур, шеърҳо, достонҳо ва ғ. офаридааст. Барои достони «Писар» (1943), ки ба писари дар ҷанг қурбоншудааш бахшида шудааст, с. 1946 сазовори Мукофоти давлатии СССР гардид. А. асарҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзодаро ба забони русӣ тарҷума кардааст. Дар матбуоти тоҷик баъзе шеърҳояш ба табъ расидаанд. Бо орденҳои Ленин ва «Нишони Фахрӣ» сарфароз гардидааст.

АНТО́НИЙ МАРК (Markus Antonius) (82 – 30), ходими сиёсии Рим, сарлашкар. Иштирокчии ҷангҳои зидди Фаластин ва Миср (57 – 55). Соли 49 то м. трибуни плебейҳо интихоб шуда буд (соҳиби мансабе будан дар Рими Қадим). Солҳои ҷанги граждани (49 – 45 то м.) Сезарро дар Рим фаъолона дастгирӣ кардааст. Баъди ҷанги назди Фарсад сарлашкари аскарони савора шуд. Соли 44 дар баробари Сезар соҳибмартаба – консул шуд, лекин баъд аз қатл шудани ӯ хост, ки ворисаш шавад. Ҳамзамон соҳиби хазинаи давлатӣ гашт. Ноябри 43 то м. аз тарафи Сенат дучори эътироз гашта, маҷбур шуд бо Октавиан ва Лепид ба триумвирати 2-юм созишнома баста, бар зидди Брут ва Кассий, инчунин ашрофи сенат ҷанг оғоз кунад. Бо кӯмаки онҳо пеши роҳи худро аз душманони сиёсӣ тоза кард. Соли 42 то м. қӯшунҳои А. дар якҷоягӣ бо Октавиан армияи республикачиёнро, ки сарвараш Брутт ва Кассий буданд, шикаст дод. Баъд аз ин идораи вилоятҳои шарқии империяи Рим ба дасти А. гузашт. Муносибати ӯ бо маликаи Миср *Клеопатраи VII* самимитар шуда, оқибат с. 36 то м. бо ӯ издивоҷ кард. Ба Клеопатра аз замини Рим мулкҳои бисёреро тӯҳфа намуд. Аз ҳисоби молу мулки Клеопатра с-ҳои 36 – 34 бар зидди Парфия ва Арманистон юришҳои нобарор кард. Бар замми ин сиёсати худсаронаву золимонаи ӯ нисбати ҳамкишворонаш боиси эътирози триумвират ва тамоми халқи Рим гардид. Октавиан, ки аз аввал бо А. барои соҳиб шудан ба тахту тоҷ душманӣ дошт, кӯшид то Сенат А.-ро душмани халқ хонда ва ба Клеопатра ҷанг эълон намояд. Соли 31 то м. дар назди димоғаи Аксия флоти мисрии А. дар ҷанг бо Октавиан шикаст хӯрд. А. ба Миср гурехт, лекин Октавиан қӯшунҳои А.-ро сарнагун намуда, ба Миср зада даромад ва охир А. худкушӣ кард.



Ҳайкали Антоний Марк.

АНТО́НИМҲО (аз *анти…* ва onyma – ном), калимаҳое, ки аз ҷиҳати маънӣ бо ҳамдигар муқобиланд: паст – баланд, дароз – кӯтоҳ, васеъ – танг, сард – гарм ва ғ. А. дар ҳамаи ҳиссаҳои нутқи мустақилмаъно – исм, сифат, феъл, зарф ва баъзан дар таркиби ҷонишину шумораҳо низ ба назар мерасанд: азоб, ранҷ – роҳат, дардманд – бедард, хушбахт – бадбахт ва ғ. Вале муносибатҳои антонимӣ бештар дар калимаҳои дорои маънои сифатӣ, миқдорӣ, замонӣ ва фазоӣ ба назар мерасанд. А. дар шакли ҷуфт низ меоянд. Ҳангоми ҷуфт истеъмол шудан вожаҳо аз маънои аслии худ дур шуда, маъниву мазмуни нисбатан нав мегиранд: дӯсту душман; неку бад; росту дурӯғ ва ғ. Мисол:

Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талхаш,
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш.

(*Лоиқ*).

Баъзан вожаҳои ғайриантонимӣ дар матн дар маънӣ зид мешаванд, ки онҳоро А.-и матнӣ (контекстӣ) меноманд: кас бо хас; остон бо осмон; боз бо кабӯтар ва ғ. Мисол:

Ноне аз хони худ диҳӣ бо касон,
Бех, ки ҳалво хӯрӣ аз хони хасон.

(*Низомӣ*).


Дар адабиёт муодили А. калимаи тазод (санъати бадеии тазод) мебошад:

Бихандад лола бар саҳро,
Ба сони чеҳраи Лайло.
Бигиряд абр бар гардун,
Ба сони дидани Маҷнун.

Ҳ. Талбакова.

АНТОНИ́НҲО, сулолаи императорони Рим дар с-ҳои 96 – 192; унвони сулола аз номи Антонин Пий гирифта шуда, намояндагонаш инҳоянд: Нерва (96 – 98) – асосгузори сулола, Траян (98 – 117), Адриан (117 – 138), Антонин Пий (138 – 161), Марк Аврелий (161 – 180) ва шарикҳукмронаш Лусий Вер (161 – 169), Коммод (180 – 192). А. дар сиёсати дохилӣ ва берунӣ манфиати ғуломдорони Рим ва музофотҳои онро ҳимоят менамуданд. Сиёсати онҳо ба тақвияти иқтисодиёти империя равона карда шуда буд. А.-и аввалин (хусусан Троян) дар сиёсати берунӣ хеле фаъол буда, ба империя заминҳои нав (с. 106 Дакия ва Арабистон, с-ҳои 114 – 115 Арманистон ва Байнаннаҳрайн)-ро ҳамроҳ карданд. Адриан сиёсати мустаҳкам намудани сарҳадҳо ва сохтмони иншооти муҳофизавиро пеш гирифт. Дар замони А. ғояи ҳокимияти мутлақ комилан ташкил карда шуд. Давраи А. нуқтаи олии авҷи сиёсати дохилӣ ва хориҷии империяи Рим ба шумор мерафт, вале дар замони Адриан бӯҳрони сохти ғуломдорӣ ва аз аҳди Марк Аврелий таназзули империяи Рим сар шуд.

АНТО́НОВ Олег Константинович [25. 1. (7. 2), 1906, Подолск – 4. 4. 1984, Киев], авиаконструктор, яке аз асосгузорони планеризми советӣ, акад. АИ СССР (1981) ва АИ ССР Украина (1967), доктории илмҳои техникӣ (1960), проф. (1978). Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1966). Хатмкардаи Донишкадаи политехникии Ленинград (1930). Авиаконструктор оид ба истеҳсоли планерҳо дар яке аз заводҳо (1931 – 38), муҳандиси пешбар (1938 – 43), муовини сарконструктори Бюрои конструктории А. С. Яковлев (1943 – 46). Роҳбари Бюрои конструктории навташкил дар ш. Киев (1943). Аз с. 1978 дар



Донишкадаҳои Киев ва Харков ба фаъолияти илмию педагогӣ машғул буд. Таҳти роҳбарии А. як силсила планерҳои «Голуб», «Рот-Фронт-1», «Рот Фронт -2», «Рот Фронт-3», «Рот Фронт-4», самолётҳои мусофиркашон ва ҳарбию боркашони Ан-2, Ан-8, Ан-10, Ан-12, Ан-14, Ан-22 («Антей»), Ан-124 («Руслан») ва ғ. сохта шуданд. Бо сохта шудани Ан-8 масъалаи мушкили бо тариқи ҳаво кашондан ва аз ҳаво партофтани техникаи вазнини ҳарбӣ ҳалли худро ёфт; бо Ан-33 танҳо дар с. 1967-ум 15 рекорди ҷаҳонӣ ҷиҳати борбардорӣ (аз 35 то 100 т) гузошта шуд; Ан-124 то 1540 т бор бардошта метавонад. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 5 – 10). Дорандаи мукофоти сталинӣ (1952), мукофоти ленинӣ (1962).

АНТОНОВ Семён Михеевич (тав.1919, деҳаи Сатинкаи ноҳ. Сампурски вил. Тамбов), Лётчики озмоишгари хизматнишондодаи СССР (1963), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1952), подполковники мустаъфӣ. Соли 1937 ба ш. Сталинобод омада, дар Кинопрокати Тоҷикистон ба ҳайси техник кор кард. Соли 1938 курси тайёрии инструкторон-лётчикҳои аэроклуби назди ОСОАВИАХИМ-и ҷумҳуриро хатм намуд. Авг. 1939 бо роҳҳати комитети комсомол ва Комиссариати ҳарбии ш. Сталинобод ба Омӯзишгоҳи авиатсионии ҳарбии Краснодар фиристонида шуд. Соли 1941 пас аз хатми мактаби авиатсионии ба номи В. П. Чкалови Таганрог ба округи ҳарбии назди Балтика рафта, дар полки 50-уми ордени Байрақи Сурхдори авиатсионии бомбаандоз лётчик шуд. А. то авг. 1943-юм 93 маротиба ба нуқтаҳои оташфишонии душман парвози ҷангӣ кардааст. Аз авг. 1943 то с. 1963 лётчики озмоишгар. Аз с. 1965 нафақагир. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байрақи Сурхи Ҷангӣ, 2 ордени Ситораи Сурх сарфароз гардидааст.



Ад.: Герои Советского Союза. Краткий биографический словарь, т. 2, М., 1987.

Б. Аҳмадов.

АНТОСИА́НҲО (аз юн. anthos – ранг ва kyanos – лоҷувард), моддаҳои рангбахши растанӣ. А. мансуби гликозидҳо мебошанд. Ба меваҷот ва май ранги сурх, ба барги дарахтон тобишҳои гуногун (аз гулгун то бунафши баланд) медиҳанд. А.-ро бори аввал биологи немис Р. Вилштеттер (1913) ошкор намудааст; с. 1928 химики англис Р. Робинсон А.-ро синтез кард. А. дар таркиби ангур ва май дар шакли гликозидҳо, асосан дар шакли 3-моногликозид, баъзан дар шакли 3,5-дигликозид ва 3-биозид вомехӯранд. Миқдори А.-и мева ба *фотосинтез* вобаста аст. Бинобар ин, дарачаи аз равшанӣ баҳравар шудани барг ба суръати ҳосил шудани А. ва ранг гирифтани мева таъсир мерасонад. Таркиби А. ба навъи мева ва маҳали парвариши он вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи гидролизи А. агликонҳо ва қанд (глюкоза, галактоза, рамноза, арабиноза ва ғ.) ҳосил мешаванд. Дар ҷараёни туршидани тилф тақр. 50 фоизи А.-и ангур ба шароб (ҳангоми гарм кардани тилф то 90%) мегузарад. Дар бисёр навъҳои ангури сурх А. танҳо дар ғужм мавҷуданд. Дар таркиби ангур 300 – 2000 кг/дм^3 ва дар таркиби майҳои гулгун то 500 кг/дм^3 А. вуҷуд доранд.

АНТРАКНО́З (аз юн. antrax – ангишт ва nosos – касалӣ), қарасон, як навъ касалии занбӯруғии растанӣ. Ҳангоми А. дар баргу пояи растанӣ захм, донача ва доғҳои сиёҳтоб пайдо мешаванд. Баъзан гирди захм сурх шуда, миёнаи он дар натиҷаи ҳосил шудани спораҳо ранги гулобӣ, норанҷӣ ва сафедча мегирад. А.-ро занбӯруғҳои номукаммали ҷинси Gloeosporium, Colletotrichum ва Kabatiella ба вуҷуд меоваранд. Спораҳои А. дар ҳарор. 20 – 24° инкишоф ёфта, дар ҳарор. аз 28 – 30° баланд инкишофи онҳо суст мегардад. Зағир, растаниҳои лӯбиёӣ, зироати полизӣ, қот, бектошӣ, ангур, себ, бодом, тамашк, чормағз, ситрусиҳо ва ғ. аз А. зарар мебинанд. Барои аз А. пешгирӣ намудани зироат фақат тухмии солим ва ба А. тобовар мекоранд, кишт ва ғунучини ҳосилро ҳарчи тезтар анҷом дода, заминро тоза нигоҳ медоранд; киштгардонро дуруст ба роҳ мемонанд. То оғози инкишофи спораҳо навдаҳои касали дарахту буттаҳоро бояд бурида сӯзонд; алафи аз А. зарардидаро дарав карда мепартоянд. Тухми зироатро пеш аз кишт бо гранозан ё меркуран безарар кардан лозим аст. Ба киштзор ва дарахтҳо (3 – 4 маротиба дар мавсим) маҳлули бордос, ба буттаи қот ва бектошӣ (2 – 3 маротиба дар мавсим) хлороксиди мис ва динитробензол мепошанд. Баҳор ва тирамоҳ захмҳои буттаи токро бо даҳани фаранг безарар карда, 2 – 3 маротиба хлороксиди мис ё синеб пошидан судманд аст.

АНТРАКО́Л, пропинеб, як навъ *фунгисид*. А.-ро ҳамчун консентрати эмулсияи 70-фоиза истеҳсол мекунанд. Барои бартараф намудани касалии картошка (алтернариоз ва фитофтора), ток (сурхча; ба муқобили ҷел, тосаки хокистарранг ва канаи сурхи мева таъсири дуюминдараҷа дорад), розак (гардзанӣ), шолӣ (пирикуляриоз, офиоболус) ба ҳар га 0,7 – 2 кг мепошанд.

АНТРАТСЕ́Н, $C_{14}H_{10}$, карбогидриди ароматии конденсатсияшуда. Кристаллҳои беранг, тобишаш бунафш; ҳарор. гудозиш 216,6°С, ҳарор. ҷӯшиш 351°С. А. изомери фенантрен аст; якҷоя бо фенантрен ба таркиби равғани антратсенӣ дохил мешавад. А.-ро аввалин бор олимони франсавӣ Дюма ва Лоран с. 1832 дар таркиби зифти ангишсанг кашф намуданд. Барои А. ҳамаи реаксияҳои карбогидридҳои ароматӣ – галогенонӣ, нитрионӣ, сулфуронӣ ва ғ. хосанд. А.-ро дар саноат аз равғани антратсении зифти ангиштсанг ҳосил мекунанд. А. асоси чанд гурӯҳи калони моддаҳои рангуборӣ мебошад. Дар натиҷаи оксидонии А. антрахинон ҳосил карда мешавад. Антрахинонро барои истеҳсоли ранги антрахинонӣ истифода мебаранд.

АНТРАТСИ́Т (юн. anthrakitis – навъи ангишт), намуди ангишти табиии ба дараҷаи олӣ метаморфӣ гардида. Қариб пурра аз карбон иборат аст (96%). Рангаш сиёҳи дурахшон, баъзан сиёҳи хокистарӣ ё зардчатоб. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 2 – 4, зичиаш 1400 – 1700 кг/м^3. Гармии сӯзиши А. 33,9 – 34,8 МҶ/кг (8100 – 8350 ккал/кг). Ҷараёни электрикиро нағз мегузаронад, аз ин сабаб барои тайёр намудани электродҳо дар саноати алю-



Антрасит аз кони Назарайлоқ.

миний ва химия, истеҳсоли карбиди калсий, барои истеҳсоли маводи ангиштии оташтобовар, дар металлургия ҳамчун сӯзишвории аълосифат истифода мешавад. Дар ҷумҳурӣ яке аз конҳои калонтарини А. дар Осиё кони *«Назарайлоқ»* маълум аст, ки захираи саноатии он зиёда аз 120 млн т мебошад. *Р. Охунов.*

АНТРАХИНО́Н, як навъ пайвасти органикӣ. Кристаллҳои зарди равшан ҳосил мекунад; ҳарор. гудозишаш 286°С, ҳарор. ҷӯшиш – 382°С; дар нитробензол, анилин ва толуоли гарм нағз ва дар бисёр ҳалкунандаҳои дигар бад ҳал мешавад. А.-ро аввалин бор химики франсавӣ О. Лоран с. 1840 дар натиҷаи таъсири кислотаи нитрат ба антратсен ҳосил кардааст. Дар саноат ба сифати оксидкунанда бихромат ва кислотаи сулфатро истифода мебаранд. А. дикетони ароматист. Онро дар натиҷаи таъсири ҳамдигарии ангидриди кислотаи фталат ва бензол дар иштироки хлориди алюминийи беоб низ ҳосил кардан мумкин аст. А. барои истеҳсоли рангубори антрахинонӣ ашёи хом мебошад.

АНТРОПО…(юн. anthopos – одам), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки мансубияти онҳоро ба одам ифода мекунад (мас., *антропология, антропометрия)*.

АНТРОПОГЕ́Н*, (аз антропо* ва qenos – пайдоиш*),* номи давраи чорумини эраи кайнозой, давраи навтарини таърихи геологияи Замин, ки ҳоло ҳам идома дорад. Синни давраи А.-ро аз 600 ҳазор то 1 млн сол, баъзан то 2 – 3 млн сол ҳисоб мекунанд. Истилоҳи А.-ро с. 1922 геологи рус А. П. Павлов дар он асос тавсия намуд, ки таърихи пайдоиш ва ташаккули одам ба ин давра алоқаманд аст. Хусусияти асосии А. сардшавии умумии иқлими рӯи Замин мебошад. Дар ин муддат сармои қаҳратун борҳо такрор ёфта, қисми зиёди материкҳои Нимкураи Шимолӣ якчанд маротиба яхпӯш шудаанд. Дар қисми экватории Замин иқлим сусттар тағйир ёфта, муҳити хушкӣ ба ҳозира қариб мувофиқ буд. Дар давраи А. ҳаракатҳои шадиди тектоникии қишри замин рӯй додаанд, ки онҳо махсусан дар минтақаҳои чиндори алпии Евросиё, ноҳияҳои атрофи Уқёнуси Ором, системаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ, инчунин ҷан. қисми осиёгии Федератсияи Россия равшан зоҳир шудаанд. Дар ибт. давраи А. дар ноҳияҳои чиндори номбурда вулқонизм назар ба ҳозира пуршиддат зоҳир шудааст. Ниг. низ *Давраи чорумини кайнозой*.

АНТРОПОГЕНЕ́З (аз *антропо...* ва генезис), илм дар бораи раванди пайдоиши таърихиву эволютсионии одам. 1. Бахши *антропология*, ки пайдоиши одамро ҳамчун мавҷудоти биологӣ меомӯзад. 2. Бахши илмест, ки ҷараёни таҳаввулоти ташаккули инсонро муайян менамояд. А. ҳамчун қисми антропология приматҳо (гурӯҳи ширхӯрҳо аз қабили одам, маймун, ниммаймунҳо) ва таҳаввулоти анатомии онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Барои ин бахш геологияи давраҳои чорум ва сеюм, физиологияи фаъолияти олии асаб, археологияи асри санг, психология ҳамчун фанни зарурии фаръӣ мадад мерасонанд. Аз ох. а. 20 дар баробари вожаи А. аксар маврид истилоҳи «антропологияи таҳаввулотӣ» истифода мешавад. Антропологияи таҳаввулотӣ ҷойгоҳи одамро дар системаи олами ҳайвонот меомӯзад. Дар ин самт гузаштагони ҳайвонии инсон ва раванди гоминидии таҳаввулотӣ, иҷтимоӣ ва биологии ҷанбаи «одамшавӣ» тадқиқ мегардад. Ғояи мушобиҳати одаму маймунро ҳанӯз донишманди Юнони Қадим Арасту пешниҳод карда буд. Дар а. 2 то м. духтур ва анатоми юнонӣ К. Гален муоинаи анатомии маймун (магота, павиан)-ро гузаронд. Адиб ва мутафаккири форсҷӯчик Мирзо Бедил (а. 17) ҳам ба ин маънӣ ишора карда буд: «Одамӣ ҳам пеш аз он одам шавад, бузина буд». Дар а-ҳои 18 – 19 фарзу тахмин дар бобати аз маймунҳои одамсурат пайдо шудани одам (Ҷ. Монбоддо, Ҷ. Доорник) бисёр баён ёфтаанд. Ж. Б. Ламарк тахмин мекард, ки одам аз маймунҳои қадимаи одамшакл пайдо шудааст, ин маймунҳо зери таъсири дигаргуниҳои муҳити атроф ба шакли нави ҳаётгузаронӣ гузаштаанд. Вале назарияи пайдоиши одамро аз маймунҳои хеле инкишофёфта олими англис Ч. Дарвин ҳамаҷониба асоснок намуд. Ӯ дар китобаш «Пайдоиши инсон ва интихоби чинсӣ» (1871) бо такя ба маълумоти анатомияи муқоисавӣ, физиология, эмбриология, патология, паразитология, геология, археология, палеонтология пайдошавии инсонро аз ҳайвон (маймун) пешниҳод кардааст.

Ч. Дарвин дар асари дигараш «Зуҳури эҳсос дар одам ва ҳайвонот» (1872) умумияти таассуроти (аксуламал) рафтори одаму маймунро таҳқиқ намудааст. Хулосаҳои асосии ӯ дар бобати аз маймунҳои одамшакл ба вуҷуд омадани одам барои назарияи муосири А. аҳамияти бузург доранд. Баробари интихоби табиӣ Дарвин эҳтимолияти иштироки дигар омилҳо, чун интихоби ҷинсӣ ва машқи бисёри ҷисмониро дар таҳаввулоти одам ба эътибор гирифтааст. Ҳамзамон назарияи дарвинии интихоби табиӣ қариб ба масъалаи асл ё ҷавҳари инсон ва ҷанбаҳои иҷтимоии пайдоиши он дахл накардааст. Соли 1823 дар мағораи Пэвилэнд (Уэлс, Британияи Кабир) устухонбанди одам бе косахонаи сар (ҳангоми ташхис маълум шуд, ки устухонбанди мард аст) ёфт гардид, ки болояш ранги сурхтоб – охра – аҳмар пошида, ҳамроҳаш афзори давраи оринякӣ нигаҳ доштаанд ва онро олимон «Хонуми сурх» ном карданд. Соли 1852 дар мағораи Ориняк дар департаменти Гароннаи Боло (Франсия) такр. 17 устухонбанди шабеҳ дарёфт карданд. Соли 1868 устухонбанди одамони палеолити боло дар мағораи Кро – Манон дар д. Везер (Франсия) ва с-ҳои 1872 – 94 дар мағораи Грималди (Италия) кашф гардиданд, ки ба шакли ҷамъбастӣ «кромононсҳо» ном гирифтаанд.

Соли 1848 дар нишебиҳои шимолии сахраҳои Гибралтар аввалин устухонбанди неандертал ёфт шуд. Рағбати зиёд ба одамони қадим бо дигар бозёфт мувофиқ афтод, ки аз рӯи он одами неандерталӣ номашро гирифт. Соли 1856 дар водии Неандертал, дуртар аз Дюселдорф (Германия) аз мағораи Фелдхофер косахонаи сар ва устухонҳо бароварда шуданд. Яке аз устухонбандии нисбатан пурраи неандерталӣ дар Ля-Шанпел-о Сен (мағораи Буффия, департаменти Коррези Франсия) с. 1908 ёфт гардид. Дар с. 1866 пайрави назарияи таҳаввулотӣ Э. Геккел «насабнома»-и одамро тарҳ кашида, махлуқи тахминиро нишон дод, ки аз лиҳози сохт шабеҳи маймуни осиёии одамишакл ва одам мебошад, дар ох. давраи сеюм – Pithecanthzopus alalus (одами маймуншакли бе нутқ) маскун буд. Анатом ва духтури голландӣ Е. Дюбуа с-ҳои 1891 – 93 дар ҷаз. Ява, дар соҳили чапи д. Соло (Бенгаван) косахонаи сар, устухони рон ва се дандони махлуқеро дарёфт, ки онро Pithecanthropus erectus (маймунодами рост роҳраванда) номид. Дар с-ҳои 1937 – 41 Г. фон Кёнигевалд дар қабатҳои поёни давраи чоруми геологии атрофи Сангиран (ҷаз. Ява) боқимондаи боз чор питекантропро кашф намуд. Соли 1918 Пэй Вэнчжун наздикии

деҳаи Чжоукоудян, 60 км дар қисмати ҷан. ғарби Пекин (Хитой) косахонаи сари синантропро ёфт. Соли 1960 дар қабати якуми дараи Олдувай (Танзанияи Шимолӣ) бори авв. боқимондаи Homo habilis (одами ӯҳдабаро) кашф гардид..

Оғози с-ҳои 60 а. 20 дар приматшиносӣ ва антропогенез усулҳои нави таҷдиди филогенетӣ босуръат равнақ меёбанд. Барои нишон додани тадқиқоти механизмҳои молекулярии пайдоиши одам с. 1962 истилоҳи «антропологияи молекулярӣ» пешниҳод гардид. Масъалаи ҳад миёни одам ва ҳайвонот дар антропологияи советӣ, ки мувофиқ бо фалсафаи марксистӣ бунёд меёфт, чун анъана дар маркази диққат қарор мегирифт. Дар ҳамин ҳол тасаввурот оид ба рушди ҳудудӣ, яктарафа ва тадричан шаклҳои ахлоқи ҷамъиятӣ аз сода ба мураккаб бартарӣ дошт. Ин тасаввурот дар асари Ф. Энгелс «Роли меҳнат дар равияи аз маймун ба одам табдиёлбӣ» ифода меёбад. Қобилият ба худшиносӣ, ҳадафмандӣ, хотираи дарозмуддат, пешгӯии амали атрофиён, сарфаҳм рафтан ба қонунияти умумии амал дар доираи гурӯҳҳо, фиреби ҳамқавмон – ин ҳама хислатҳои «одамӣ» мансуби насли авв. намояндагони Homo мебошанд. Ҳамаи ин сифатҳо баъзан дар ҳолати мабдаъ ё ибтидоӣ ҳоло дар маймунҳои одаммонанд – шимпанзе, бонобо, горилла, орангутан зоҳир мешаванд. Ҳангоми муайян кардани ҷойгоҳи одам дар системаи олами ҳайвонот олимон зикр мекунанд, ки ҳамаи одамони муосир ба як намуд (ё ҳатто зернамуд)-и инсони бафаҳм – Homo sapiens (Homo sapiens sapiens) мутааллиқанд. Одам дар натиҷаи раванди дуру дарози таҳаввулот бо олами ҳайвонот алоқаи зичро ҳифз менамояд. Шабоҳати нисбатан бештари одам бо приматҳо дар ҳамаи сатҳҳои ташкили биологӣ ба мушоҳида мерасад. Рушди системаҳои асосии «одамшавӣ» (яравӣ, муомилаи гуногун, системаи мағз, (ақл – даст, фаъолият) дар ин ё он намуд барои ҳамаи приматҳои олӣ хосанд. Аммо одам махлуқи ҷамъиятист, хусусияти фарқкунандааш шуур аст, ки дар асоси фаъолияти ҷамъиятӣ – меҳнатӣ ташаккул меёбад. Инкишофи баланди мағз ва зеҳн, серебрализатсия (ба вуҷуд омадани неокортекс – дигаргуншавии қишри майнаи сар), қобилият ба ивази тези таассур, инкишофи системаҳои коммуникатсионӣ (забон), васеъшавии вазифаи дастҳо, кӯтоҳшавии силсилаи чинсӣ, дароз гардидани давраи ҳомилагӣ, афзудани давомнокии умр, дарозтар шудани давраи кӯдакӣ, маҳрумшавии афзоиши мавсимӣ – инҳоанд самтҳои инкишоф, ки таҳаввули одамро таҷассум менамоянд (ин хосиятҳо дар намудҳои дигар барои маймунҳои одаммонанд низ хосанд). Чун намуди зоологӣ Homo sapiens дар системаи филогенетӣ вазъияти маҳсурро ишғол намекунад, он ба шоҳигарии ҳайвонот (Animalia), навъҳои хордавӣ (Cnordada), ҳайвоноти ширхор (Mammalia), гурӯҳи приматҳо (Primates), оилаи гоменид (Hominidae) марбут аст. То корбурди усулҳои генетикӣ ва биологияи молекуляторӣ дар антропология гоминоидҳоро ба ду оила тақсим менамуданд: понигидҳо (горилла, шимпанзе, орангутан, гиббон) ва гоминидҳо (намояндагони насли Homo). Соли 1967 бародарон Ҷ. ва П. Нэйпир намуди гиббонҳо дар оилаи алоҳидаи Hylobatide-ро пешниҳод намуданд. Соли 1963 М. Гудмэн бо такя ба тадқиқоти сафедаҳои зардоб (хуноба) оилаҳои Hylobafide (гиббонҳо), Ponqidae (орангутанҳо), Hominidae (Homo, Gorilla, Pan – одам, горилла, шимпанзе)-ро ҷудо кард. Маълумоти дурагакунии молекулярӣ (ДНК) ин таснифотро собит сохт. Мувофиқи раддаи филогенетӣ, ки А. Ман ва М. Вейс (1996) пешкаш намуданд, оилаи гоминидҳо одам ва маймунҳои одамшаклро муттаҳид месозанд. Дар он ду зероила – Ponqinae (як насли Ponqo – орангутан) ва Hominine дохиланд. Дар зероилаи Homininae ду триб ворид мешавад: Gorillini (Gorilla) ва Hominini (зертриби Panina – Pen шимпанзе; зертриби Hominina Homo – одам). Бо вуҷуди ин масъала оид ба вазъи таксономии одам ва маймунҳои одамшакл ҳамоно мубоҳисавӣ боқӣ мемонад. Соли 2001 М. Гудмэн, Ҷ. Желузняк, С. Пэйдж ва К. Мейрелес таснифоти нисбатан қатъии филогенетикиро пешниҳод карданд, ки ба омӯзиши ядроии кислотаи дезоксирибонуклеат (КДН) такя мекунанд. Дар ин раддаи таснифӣ шимпанзе ва одам дар як насли Homo ҷой мегиранд. Аз рӯи ҳисоби генетикҳо ҷудошавии оилаҳо ба зероилаҳо 23 – 22 млн сол пеш, зероилаҳо ба трибҳо 20 – 16 млн сол, триб ба зертрибҳо – 14 – 11 млн сол, зертриб ба наслҳо 10 – 7 млн сол, наслҳо ба зернаслҳо 6 – 4 млн сол сурат гирифтааст. Тақсимот ба намудҳо 3 – 1 млн сол қабл ба вуқӯъ пайвастааст. Бозёфтҳои палеантропологии ох. а. 20 бо маълумоти биологияи молекулярӣ ва генетика мувофиқ меафтанд ва умри хешии шимпанзе ва одамро қадимтар мегардонад. Авлоди охирини шимпанзе ва одам қариб 8 млн сол пеш дар Африка зиндагӣ доштанд. Манбаи асосии пайдоиши приматҳо, аз ҷумла гоминид гуногунанд, аммо муҳимтаринашон бозёфтҳои палеонтологӣ ва палеантропологӣ мебошанд. Давоми 50 соли охир аз нав таҳқиқ кардани наслҳо ва намудҳои приматҳои қадим ба маротиб афзуд. Таксонҳои палеонтологӣ ва имрӯза якхелаю мувофиқ нестанд ва аксаран хусусияти зоҳирӣ доранд, аз ин рӯ, дар шакли муқоисавӣ – анатомӣ сара мешаванд, дар антропологияи таҳаввулотӣ такроран омӯхтан, аз нав муоина ва тасниф кардан амри табиист. Аз ин хотир аксари олимон бар онанд, ки истифодаи теъдоди зиёди натиҷаҳои давраҳои гуногун ба бароварди хулосаҳои арзишнок мусоидат менамоянд. Дар антропологияи молекулярӣ якчанд усули муқаррар кардани дараҷаи фарқияти таксонҳои қадим, чун картиронӣ ва дурагакунии КДН, муайянсозии муттасилии сафедаҳо ва дигар микромолекулаҳо, электрофорез, санҷишҳои серологӣ корбаст мешаванд. Муайян кардани «фосилаи таҳаввулот» дар асоси маълумоти палеонтологӣ, инчунин биологияи молекулярӣ муфид аст. Барои ҳалли масъалаҳои приматҳо ва антропогенез усулҳои таърихмонӣ ё санагузорӣ (калий – аргонавӣ, уранӣ ва радиокарбон), термолюминессенсия ва инъикоси парамагнити электронӣ аҳамияти калон доранд.

Инкишофи приматҳо дар давоми давраи кайнозой ҷараён дошт. Марҳалаи авв. таҳаввули онҳо пурра омӯхта нашудааст. Аломатҳои тарзи хоси приматҳои оддӣ дар оғози эотсен, бо шурӯи сардшавӣ думболагирӣ мешаванд. Приматҳои аслӣ адапидҳои лемурмонанд ва омомидҳои доғдор дар ҷангалҳои эотсеновии Америкаи Шимолӣ ва Европа, камтар дар Осиё ва Африка паҳн шуда буданд. Дар сарҳади эотсен ва олигосен дар манотиқи шимол хунукӣ оғоз шуд, ки дар натиҷа теъдоди приматҳои қадим ниҳоят коҳиш ёфт. Приматҳои давраи кайнозой тақр. шабеҳи антропоидҳо дар Африка, ҷан. Европа, Америкаи Ҷанубӣ маскун буданд. Маймунҳои аввалин дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Мянма), Африкаи Шимолӣ (Миср), андаке баъдтар дар Америкаи Ҷанубӣ (ҳудуди ҳозираи Аргентина ва Боливия) пайдо гардиданд. Ба ақидаи аксар олимон маймунҳои Олами

Қадим ва Олами Нав аз гузаштагони умумӣ баромадаанд. Боқимондаи антропоидҳои барвақтӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (насли амфипитек – Amphiphithecus ва пондаунгия – Pondaunqia, на дертар аз 40 млн сол пеш) пайдо шудаанд.

Қадимтарин маймуни антармонанд дар Африкаи Шарқӣ ва Шимолӣ давраи миотсен арзи вуҷуд намуда, баробари гармшавӣ ба дигар гӯшаҳо паҳн гардидааст. Оғози таҳаввули гоминид ҳам ба давраи миотсен рост меояд. Гоминидҳои қадимтарин – прокунсулҳо (Driopithecus africanus 24–16 млн. сол пеш) дар Африкаи Шарқӣ, кениапитекҳо (Keniaphithecus, 15 – 12 млн сол пеш эҳтимолан гузаштагони умумии ҳамаи намудҳои маймунҳои одамшакл), дриопитекҳо ва сивапитекҳо (Sivapithecus, 17 – 8 млн сол пеш) дар Африка, Европа ва Осиё ба вуҷуд омадаанд. 20 – 16 млн сол пеш намудҳои проконсулоидӣ ба Европа ва Осиё ҳиҷрат намудаанд, аз онҳо дриоморфҳо, намудҳои дриопитекҳо, рамаморфҳо – сивапитекҳо (гузаштагони орангутанҳо) ва питекҳои азимҷусса (Giqantopithecus 7 – 1 млн сол пеш) пайдо шуданд. Тағйироти иқлим дар давраи миотсент ва эҷоди рифти Африкаи Шарқӣ ба вайроншавии ландшафти (намуди сатҳи замин) ҷангалҳои тропикӣ сабаб гардид ва майдони фазои кушод зиёд шуд. Доираи маводи хӯрокии приматҳо тағйир ёфт. Гузаштагони маймунҳо акнун ҳамчун ғизо на танҳо мева (ҳосил), балки барги дарахтонро истифода мебурданд. Тағйироти иқлим зарурати адаптатсия (ба муҳит мувофиқшавии узвҳо)-и приматҳоро чун дигар намуди ҳайвонот ба миён оварда, роҳгардии гузаштагони маймун бо ду пой шурӯъ шуд. Муддати дароз пешгузаштагони бевоситаи Homo-ро австралопитекҳо меҳисобиданд. То ба ҳол баъзан дар ин радиф Australiopithecus afarensis (Кения, Канопой)-ро ном мебаранд, ки 4, 2 – 3, 9 млн сол пеш зиндагӣ мекарданд. Ба унвони пешиниёни имконпазир намояндагони афарии австралопитекаро (бозёфти маълуми Australopithecus anamensis «Люси», Эфиопия, таназзули Афари) ҳам мешуморанд. Соли 2001 Б. Сена ва М. Пикфорд раддаи нави таҳаввулро пешниҳод намуданд: наслҳои Australopithecus ва Homo дар хатти мустақил 6, 8 млн сол пеш ҷудо шудаанд, гузаштагони нахусти одам аз намуди Orrorin tuqensis баромадаанд, ки 6, 2 – 5, 6 млн сол пеш зистаанд. Боқимондаҳои ororrinҳо дар вил. Баринго (Кения, Африка) кашф шудаанд. Аз муоинаи сохти устухонбанди постекраниалии (бе косахонаи сар) ororrin бармеояд, ки ин насл дар рӯи замин дар ҳолати амудӣ ҳаракат мекард, ҳарчанд хазида баромадан ба дарахтонро авло медонист. Он ҷисман аз Australapithecus afarensis калонтар буд.

Соли 2002 гурӯҳи олимони франсавӣ намояндаи боз ҳам қадимтари таҳаввули одамро бо номи гоминин ба рӯйхат гирифтанд, ки 7 млн сол пеш дар Африкаи Марказӣ (Ҷумҳурии Чад) вуҷуд дошта, бо душворӣ аз гузаштагони шимпанзе ҷудо гардидааст. Гоминиро ба насли нав ва намуди Sahelanthropus tchadensis ворид намуданд. Сахелантроп дар ҷангалҳои тропикӣ ва қитъаҳои хурди аз дарахтон холӣ мезист. Намояндагони қадимии эътимодноки насли Homo қариб 2 млн сол пеш маълуманд. Ғайр аз бозёфти олдувай аз Танзания ба намояндагони Homo habilis (одами тавоно) ҳамчунин дигар шаклҳои дар Африкаи Шарқию Ҷануби кашфшуда дохил мешаванд. Дигар таксони Homo erectus (одами ростраванда ё архонтроп; номи кӯҳнааш Pithecanthropus erectus Duboiis) давоми буриши тасалсулӣ 1, 5 то 0, 4 млн сол пеш вуҷуд доштааст. Ин намуд на дертар аз 1 млн сол пеш дар Евроосиё сокин шудааст. Пикантропҳо дар Индонезия, Осиёи Шарқӣ, Африкаи Шарқӣ ва Шимолӣ маскун гардиданд. Тахминан 0, 3 – 0, 025 млн сол пеш барои пайдоиши одами муосир давраи дорои аҳамияти хос мебошад. Аҳолии Афроевроосиё дар ин давра хеле гуногун буд. Дар тафовут аз архантропҳо, ки, бешубҳа, ба Homo erectus дохиланд, вазъи палеантропҳо чандон муайян нест. Қисми афзалиятдори онҳо ба таксони Homo neanderthalensis (Homo sapiens neanderthalensis) дохил мешаванд. Бозёфтҳои археологӣ, антропологӣ, палеоантропологӣ асосори зиёди марбут ба гузаштагони одамро пайдо намуданд. Бо вуҷуди ин на ба ҳама суолҳо дар мавриди пайдоиши одам ҷавоби аниқ дода шудааст. Аз ҷумла чаро сиёҳпӯстон дар Африка, сурхпӯстон дар Америка, зардпӯстон дар Осиёи Шарқӣ, сафедпӯстон дар Европа сукунат доранд, масъалаест, ки то ҳанӯз баҳс дар сари он идома дорад. Андешаи донишманди машҳури англис Ч. Дарвин «Одам аз маймунҳои чорпои пашмдори думдароз пайдо шудааст» ва ақидаи Ф. Энгелс «Инсонро меҳнат ба намуди имрӯза даровардааст» низ ҳоло ҳақиқати кул шумурда намешавад. Ба саволи одамро ба сохтани олоти меҳнат чӣ маҷбур кард ҳам ҷавоби қонеъкунанда дода нашудааст. Шакке нест, ки дар шаклгирии инсон таъсири коинот, дигаршавии доираи магнитии замин ва дигар омилҳо нақш бозидаанд ва дар ин маврид тадқиқот идома дорад. Зимнан, дар ҳудуди Тоҷикистон устухонҳои ҳомоэректус, Неадертал ва одами баъдии Кромонён Номосопиенс ёфт шудаанд. Пас метавон гуфт, ки диёрамон яке аз ватанҳои қадими пайдоиши одам ва маймунҳои соҳибақл аст.

Ад.: Алексеев В. П., Палеоантропология земного шара и формирование человеческих рас: Палеолит, М., 1978; Хрисанфова Е. Н., Эволюционная морфология скелета человека. М., 1978; FRAVER D. F., WOLPOFF M. F., THORNE A. G., SMITH F. H., POPE G. G., Homo sungirensis: Верхнепалеолитический человек: экологические и эволюционные аспекты исследования, М., 2000: KAESTLE F. A., ORSBUGH H. A., Ancient DNA in anthropology: Methods, Applications and Ethics // Yearbook of Physical Aninropology, 2002. *Ю. Яъқубов.*

АНТРОПОЗООНО́ЗҲО́ (аз *антропо...* ва юн. zoon – ҳайвон ва nosos – касалӣ), зооантропонозҳо, як гурӯҳ касалиҳои сироятӣ ва паразитии одаму ҳайвон. Баъзе олимон А.-ро *зоонозҳо* низ меноманд. Ба А. *брутселлёз, сили ҳайвонот, сӯхтанӣ, қузоз, ҳорӣ, туляремия, манқагӣ, орнитоз, шукуфа, лептоспирозҳо, актиномикоз,* қӯтур, *трипанозомоз*, *эхинококкоз, лейшманиоз, трихинеллёз, опис- торхоз, тениидоз, тениаринхоз* ва ғ. мансубанд. А. ба воситаи ҳайвони касал ё солим паҳн мегарданд. Бинобар ин, ба А. аксар чорводорон ва кормандони корхонаҳое гирифтор мешаванд, ки аз маҳсулоти чорво ашёи хом тайёр мекунанд. Одам ҳангоми нигоҳубин ё куштани чорвои касал, хӯрдани шири хом, гӯшти нағз нопухта, газидани ҳайвони касал ва ғ. метавонад ба А. гирифтор шавад. Аксар А. (туляремия, лептоспироз, тоун, лейшманиоз ва ғ.) манбаи табиӣ дошта, онҳоро ҷонварони ваҳшӣ (заргӯш, юрмон, кӯрмуш, каламуш, муш ва ғ.) ва ҳашароти хунмаку (хомӯшакҳо, кӯрпашша, кайк) канаҳо паҳн мекунанд. Канаҳо на фақат интиқолдиҳандаи ангезандаҳо, балки ҳомили онҳо низ мебошанд.

Барои аз А. эҳтиёт намудани одамон ин касалиҳоро дар байни ҳайвонот барҳам бояд дод (*ваксинатсия* намудани ҳайвонот, ба организми ҳайвон гузарондани мояҳои гипериммунӣ, ҷудо нигоҳ доштан ва муолиҷа кардани ҳайвони касал, дошта гирифтани сагҳои дайду ва ғ.). Ҳангоми нигоҳубини ҳайвони касал, тарошидани пашм, реза кардани гӯшт ва ғ. ба

қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва умумӣ риоя бояд кард (пӯшидани либосҳои махсус, истифодаи дорухои гандзудо, пастеризатсия кардани шир ва ғ.).

АНТРОПОЛОГИ́ЗМ (одам ва таълимот), як назарияи фалсафа буда, намояндагонаш мафҳуми «инсон»-ро мақулаи умдае меҳисобанд, ки дар асоси он метавон системаи томи ақидаҳои фалсафиро роҷеъ ба табиат, ҷамъият ва тафаккур таҳия кард. А. инсонро ҷузъи собити дорои сифатҳои моддиву маънавии табиат дониста, моҳияти иҷтимоӣ ва таърихии ӯро ба эътибор намегирад. А. ба ин ё он андоза хоси таълимоти бисёр файласуфони аҳди бостон, асрҳои миёна ва замони нав буд. Мас., дар фалсафаи асрҳои миёнаи халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна масъалаи инсон мавриди баҳсҳои зиёд қарор гирифт. Пайравони *калом* инсонро ҳақир ва дар маърифати олам нотавон тасвир карда, тамоми мақсади ҳаёти ӯро аз омодагӣ ба ҳаёти охират иборат медонистанд, мақоми ҷомеаро дар такомули вай ва мавқеи инсонро дар инкишофи ҷомеа рад мекарданд. *Машшоия* инсонро офаридаи Худо донад ҳам, ӯро дар рафтору кирдораш соҳибихтиёр мешумурд, аҳамияти муҳит ва таълиму тарбияро дар ташаккули шахсияти ӯ эътироф мекард. Тасаввуф мақоми инсонро то дараҷаи худоӣ мебардошт (мас., ниг. *Инсони комил*). Принсипи А.-ро дар фалсафа Л. Фейербах ҷорӣ ва асоснок кардааст. Ӯ инсонро мавзӯи ягона, куллӣ ва олии фалсафа медонист. Ба қавли ӯ, «тамоми муҳокимаронихои назарӣ дар бораи ҳуқуқ, ирода, озодӣ, шахсият бидуни инсон, сарфи назар ва ҳатто берун аз ӯ – ин ҳама муҳокимаронихо бе ваҳдат, бе зарурат, бе ҷавҳар, бе асос ва бе воқеият мебошанд. Инсон ҳастии озодӣ, ҳастии шахсият, ҳастии ҳуқуқ аст». Фейербах фаҳмиши вуҷуди психофизиологӣ будани инсонро ба асос мегирифт, яъне ба таъбири биологии табиати инсон пардохта, фаҳмиши иҷтимоии онро мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Дар таълимоти ахлоқии Фейербах, ки асоси он ваҳдату робитаи мутақобилаи «Ман» ва «Ту» аст, системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мафҳумҳои «навъ» ва «муошарати байни афрод» иваз шудааст. Муҳаррики иродаи инсон саъю кӯшиш баҳри саодат аст, ки ба дарки масъулияти ахлоқӣ меорад, зеро «Ман» бе «Ту» на вуҷуд дошта метавонад ва на ба саодат ноил мегардад. Кӯшиш баҳри саодат ба дарки зарурати иттиҳоди инсоният дар роҳи ба даст овардани хайри умум меорад. Ин ба А.-и Фейербах хислати гуманистӣ ва демократӣ мебахшад, аммо азбаски ӯ ба фаҳми зарурати тағйир додани шароити ҳастии ҷамъиятӣ баҳри ба даст овардани саодат нарасид, материализми антропологиаш механистӣ ва муроқибавӣ буд.

Баррасии А.-ро Н. Г. Чернишевский дар асари асосии фалсафиаш «Принсипи антропологӣ дар фалсафа» (1860) идома додааст. Ӯ дар дараҷаи А.-и метафизикӣ монда бошад ҳам, бар хилофи Фейербах, табиати инсонро на танҳо дар мақулоти биологӣ, балки иҷтимоӣ низ ифода кардааст. Ба қавли ӯ, «…асоси тамоми гуфтаҳои мо дар бораи ягон соҳаи махсуси ҳаёт…бояд фаҳмиши умумӣ оид ба табиати инсон, ангезаҳои ба фаъолият водоркунанда ва талаботи он бошад». Чернишевский дар бораи ҳалли на танҳо назариявӣ, балки амалии суоли «инсон чист?» масъала мегузорад, яъне бояд чунин шароити сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодиеро муҳайё кард, ки азхудкунии одилонаи неъматҳо ва саодати ҳар фардро кафолат диҳад. Принсипи А.-ро минбаъд фалсафа, сотсиология, этика ва эстетикаи буржуазии а. 20 инкишоф дод. Файласуфони марксист А.-ро барои маҳдудияташ танқид карда, онро ба асос мегиранд, ки «моҳияти инсон абстракти хоси фарди алоҳида нест. Он дар ҳақиқат маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятист» (К. Маркс). Ниг. низ *Антропологияи фалсафӣ*.

АНТРОПОЛО́ГИЯ (антропо – инсон ва логос – таълимот), илм дар бораи ҷисм ва равони инсон. Дар системаи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ А. мавқеи хосеро соҳиб аст. Сохтори А.-и муосирро зиёда аз 10 бахш ё самти илмӣ муайян менамоянд: А.-и фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, тиббӣ, биологӣ, этникӣ, таркибӣ, умумӣ ва ғ. Дар замони Иттифоқи Советӣ танҳо як самти А.-ро, ки антропологияи биологӣ номида мешуд, меомӯхтанд. А. биологӣ, аз морфология (юн. mevos – қисм), соматология (юн. soma – бадан) ва А.-и этникӣ иборат аст. Мавзӯи морфология тағйироти ҷузъии узвҳои инсон ва бофтаҳои алоҳида, инчунин алоқамандии онҳо мебошад. Соматология сохти бадани одамро дар маҷмӯъ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. А.-и этникӣ пайдоиши халқҳои муосир, хусусияти нажодии онҳоро баррасӣ менамояд. Дар ин самти омӯзиш генетика, биометрия, археология, таърих, равоншиносӣ ва забоншиносӣ илмҳои ёрирасонанд. Мабдаи донишҳои илмӣ доир ба одам ба давраи атиқа рост меояд. Дар асарҳои Афлотун, Арасту, Демокрит, Эмпедокл, Анаксагор, Сукрот ва дигар мутафаккирони Юнони Қадим ба хусусиятҳои антропологии халқҳо диққати махсус дода шудааст. Истилоҳи А.-ро бори аввал Арасту (384 – 322 то м.) кор фармудааст. Доир ба сохтори одам мафҳуми «антропология»-ро бори аввал дар Европа Магнус Хундт дар асари худ «Антропология дар бораи қадру қимат, табиат ва хусусияти инсон, дар бораи ҷузъиёт, қисмҳо ва узвҳои бадани инсон», ки соли 1501 дар ш. Лейпсиг нашр шуда буд, истифода бурдааст. Соли 1533 китоби олими италиявӣ Галеассо Капелла бо номи «Антропология ё мулоҳизаҳо дар бораи табиати одам» ба табъ расид. Соли 1594 асари олими немис Касман «Антропологияи равоншиносӣ, ё таълимот дар бораи рӯҳ» аз чоп баромад, ки баъдтар қисми 2-юми ин китоб бо номи «Сохтори бадани одам аз диди санҷиши методӣ» нашр гардид. Ҳамин тариқ, дар адабиёти мамлакатҳои Ғарб заминаи ду самти маъногӣ доштани мафҳуми «антропология» (яъне самти ҷисмию равонӣ), гузошта шуд. Дар а-ҳои 18 ва авв. а. 19 файласуфони немис, аз он ҷумла, Кант дар асари худ «Антропология аз дидгоҳи амалия» асосан масоили равоншиносӣ ва ахлоқиро матраҳ намудааст.

Ба ақидаи файласуфи дигари немис Артур Шопенгауэр, А.-ро бояд ба се қисм ҷудо намуд: 1) тасвири бадани инсон аз намуди объективӣ, яъне зоҳирӣ, 2) тасвири инсон аз намуди ботинӣ, субъективӣ, яъне шууре, ки инсонро ҳамеша роҳбар аст, 3) тасвири муносибати зоҳирию ботинии инсон. Чунин самти таҳқиқи табиати инсон мавзӯи асосии А. бояд қарор гирад. Равоншиносӣ аз ин нуқтаи назар берун аз А. вуҷуд дошта наметавонад, чунки вай бояд дар физиология ва анатомия асоси худро дошта бошад.

Мутафаккирони арабу форс, аз ҷумла Абулқасис ва Ибни Сино дар асрҳои миёна илми атиқаи анатомияро такмил дода, даврони кашфи бузурги географӣ (а-ҳои 14 – 16) бо заҳмати сайёҳон Марко Поло, Х. Колумб, Ф. Магеллан, С. Дежнёв ва дигарон бисёр паҳлуҳои А.-ро равшан намудаанд. Дар а.18 сайёҳони европоӣ

имкон пайдо карданд, ки маймунҳои одамшакли африкоиро ҳаматарафа омӯзанд. Табиатшиноси маъруфи шветсиягӣ Карл Линней як қатор приматҳои африкоӣ, хусусан намуди Homo sapiens-ро омӯхта, онҳоро ба иркҳо ҷудо намуд. Марҳалаи муҳими ташаккули А. чун илм ба миёнаҳои а. 19 рост омад. Соли 1859 бо ташаббуси олими франсавӣ П. Брон дар Париж Ҷамъияти илмии антропологиявӣ таъсис дода шуд ва дар назди он осорхона ва мактаби антропологӣ ташкил гардид. Чунин ҷамъият с. 1863 дар Лондон ва с. 1864 дар назди Ҷамъияти дӯстдорони табиати Москва шӯъбаи антропологиявӣ таъсис ёфт. Дар рушди А. асарҳои Ч. Дарвин «Пайдоиши одам ва интихоби ҷинсӣ» ва «Оид ба ифодаи ҳиссиёт дар одам ва ҳайвонот» нақши муҳим бозидаанд. Акад. К. М. Бэр ҳанӯз с. 1824 лексияҳояшро оид ба А. ба табъ расонд. Соли 1842 ӯ роҳбарии кабинети навтаъсиси антропологиявии АИ Санкт-Петербургро ба зимма гирифт. Соли 1861 бо ибтикораш дар Гёттинген конгресси антропологҳо баргузор гардид. Ба масъалаҳои антропологиявии укёнус ва Осиёи Ҷанубӣ – Шаркӣ бори аввал Н. Н. Миклухо – Маклай таваҷҷӯҳ намуд. Пешрафти минбаъди А. ба номи Д. Н. Анучин зич алоқаманд аст. Ӯ ташкилкунандаи осорхонаи антропологиявии Ун. ти Москва мебошад. Нимаи дуюми а. 20 самтҳои нав дар омӯзиши ҳолати биологии одам чун функсионалӣ, молекулявӣ, популятсионӣ ба вуҷуд омаданд. Ҷанбаҳои инкишофи таҳқиқи генетикӣ, тиббӣ ва экологӣ, коркарди технологӣ дар бахшҳои физиология, гистология, географияи тиббӣ, биохимия, биологияи молекулярӣ ба тақвияти қисмҳои нави А. мусоидат карданд. Дараҷаи таҷҳизоти техникӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ доиман ташаккул меёбанд. Дар омӯзиши А.-и одамони ҳозира усулҳои биохимиявӣ, генетикӣ (аз ҷумла молекулярӣ – генетикӣ), дермотоглификӣ истифода мешаванд. Дар палеоантропология ба усулҳои анъанавии андозагирӣ воситаҳо аз палеопаталогия (илм оид ба бемориҳои одамони қадим), палеодиетология (илме, ки таркиби ғизоро дар палеопулятсияи гуногун меомӯзад), палеодемография (илм оид ба давомнокии умр ва таносуби миқдории ҷинсҳо дар одамони қадим) изофа мешаванд. Таҷдиди тарзи ҳаёт дар қадим тибқи маълумоти А., яке аз самтҳои нисбатан муҳими палеоэкология гардид. Ҳамзамон дар сатҳи нави донишҳои илмӣ синтези маълумоти палеоантропологиявӣ ва илмҳои гуманитарӣ (археология ва этнология) ба амал омад, ки барои бо усули биологӣ таҷдид намудани хусусияти иҷтимоии (ҳатто маросимӣ) ҳаёти давраи қадим имконият фароҳам оварад.

Аз диди А. имрӯз дар олам се нажоди бузург – европоисимоён, сиёҳпӯстон, зардпӯстон – муғулнажодон маълуманд. Нажодҳо аз рӯи симо, пӯст, қаду қомат ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд. Дар қабати неолитии Тутқавули зериобмонда косахонаи сари одам пайдо шуд, ки ба ҳазораҳои 6 – 4-и м. мансуб буд ва ба мардумони европосимои бахримиёназаминӣ алоқаманд дониста мешуд. Ин намуди қадимтарин инсони «ҳозиразамон» дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад. Минбаъд нажоди шарқу ҷануби бахримиёназаминӣ дар Осиёи Миёна зиндагӣ кардаанд. Симошинос В. П. Алексеев дар мавриди нажоди ҳиндуориёиҳо менависад: «Эрониён имрӯз дорои симои гуногун мебошанд. Мувофиқи маълумоти антропологиявӣ ориёиҳо хусусияти зеринро доранд: 1) косахонаи сари бузург, рӯи паҳну сафед, сари гирдшакл, гандумгунӣ (мутобиқи шароити табиати нисбатан гарм). 2) Ориёизабонҳои ҷан. Доғистон ва Озарбойҷон – тотҳо ва талишҳо рӯи борики гандумгун доранд ва европоисимо мебошанд. Ин хусусияти антропологиявӣ дар гурӯҳҳои гуногуни озарбойҷониҳо низ ҷой доранд. Хусусиятиантропологиидогистониҳо ва озариҳо ба туркманҳо низ дахл дорад. Таҳқиқоти антропологиявӣ ба он далолат мекунад, ки мардуми дарозсар одамони бумии ин сарзамин мебошанд ва таърихи чорҳазорсола доранд. Ба халқҳои бузурги ориёӣ – форсҳо, пахтунҳо, тоҷикон, курдҳо ва славянҳо дохил мешаванд. Аз халқҳои номбурда танҳо форсҳо ва пахтунҳо то андозае ба ҳам наздикӣ доранд. Фарқияти онҳо тамоюли (монандӣ) дарозсарӣ, гирдсарии косахонаи сар, рӯи борик, гирдсарии косахонаи сар, мӯйи сиёҳ, рӯи нисбатан сафед ва сермӯйӣ мебошад. Ба ин хусусиятҳои антропологиявии эрониён ва пахтунҳо боз даҳҳо халқҳои хурди форсзабон, ки дар Эрон ва Афғонистон зиндагонӣ менамоянд ва аз рӯи баъзе хусусиятҳо аз ҳам фарқ мекунанд, дохиланд, аммо аз лиҳози маҷмӯи хусусиятҳо ба гурӯҳи форсҳо ва паштунҳо дохил мешаванд. Умуман, хусусиятҳои антропологиявии форсҳо ва паштунҳо ба талишу тотҳо бо каме фарқият ба ҳам наздиканд. Маҷмӯи антропологиявии помириҳо ва халқҳои шимолу шарқии Афғонистон дар заминаи хусусиятҳои морфологӣ бештар фарқ мекунад, махсусан бо мӯй ва чашмон, ки чунин фарқият хоси мардуми даризабон низ мебошад».

Ҳамин тавр, дар маводи антропологиявии Осиёи Миёна аз замони неолит, энолит, биринчӣ, аввали асри оҳан (ҳазораи 6 – 1-и м.) фарқиятҳои ҷисмонӣ, симоӣ кам мушоҳида мешаванд. Якхела будани маводи антропологӣ далели бумӣ будани тоҷикон дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Ад.: Х р и с а н ф о в а Е. Н., П е р е в о з ч и к о в И .В., Антропология, М., 2002; А л е к с е е в В. П., Антропологические аспекты индоиранской проблемы – этнические проблемы Центральной Азии в древности, М., 1981; К и я т к и н а Т.П., Палеоантропология Средней Азии в эпоху неолита и бронзы – культура первобытной эпохи Таджикистана, Д., 1982.;М. М у з а ф ф а р. Введение в антропологию. Д., 1999.

Ю.Яъқубов, М.Музаффарӣ.

АНТРОПОМЕ́ТРИЯ (аз *антропо…* ва *…метрия*), 1) системаи усулҳои ченкунии бадани одам ва узвҳои алоҳидаи он (бо ёрии асбобҳои махсус – антропометрҳо ва г). Дар *антропология* ва тиб истифода мешавад. 2) Дар криминалистика системаи усулҳои қайди ҷиноятқорон барои минбаъд дарёфтан ва шинохтани онҳо. Бори аввал дар Франсия ҷорӣ гардида буд. Ибт. а. 20 бо *дактилоскопия* иваз карда шуд.

АНТРОПОМОРФИ́ЗМ (аз *антропо…* ва morphe – шакл), мушобиҳа. Ба ҳодисаҳои табиат ва мавҷудоти хаёлӣ нисбат додани сифатҳои инсонӣ. А. шакли ибтидоии ҷаҳонбинӣ мебошад ва бештар дар тасаввурот дар бораи Худоҳо мушоҳида мешавад. Инсони ибтидоӣ ва дар ҷамъиятҳои синфӣ аз маълумот маҳрум ва таҳти истисмор монда, бинобар содалавҳӣ ва нафаҳмидани моҳияти аслии падидаҳои табиат ва ҷамъият сабаби онҳоро ба мавҷудоти бофтаи хаёлаш, ки онҳоро дар шакли инсони пурқудрат ва фавқуттабиӣ тасаввур мекард, мутааллиқ медонист. Ҳиндиён, мисриён, бобулиён, юнониён, суриёниҳои қадим худоҳоро дар шаклҳои мушобеҳ ба одам тасаввур менамуданд. Фарқи худоҳои юнони бостонӣ аз инсон дар ин буд, ки онҳо беҳад пурқудрат ва фанонопазир буданд. Юнониҳои бостон худоҳои худро ҳамчун мардон ва занони зебову мавзун мучассам мекарданд. А. дар динҳои буддоӣ ва масеҳият бештар

назаррас буда, дар динҳои яҳудӣ ва ислом ба мушобаҳа нисбатан камтар роҳ додаанд. Баъзе А.-ро ба дини ислом низ хос медонанд ва истинод бар ин доранд, ки дар Қуръон омадааст Худо дорои даст аст, мебинад ва мешунавад ва ғ. Муфассирони ислом ақидаҳои ба Худои таъоло нисбат додани даст, чашм, рӯй ва ғайраро, ки дар Қуръон омадааст, ба он тавре, ки ба тассавуроти оддӣ ва сатҳӣ хос аст, рад мекунанд. Ҳамзамон бо инкишофи илму тамаддун ва ошкортар шудани сустиҳои дин ва хилофи ақл будани усули он назариётчиёни мазҳабҳои мухталиф кӯшидаанд, то ки динҳоро аз хислатҳои мушобиҳан дурушт озод намоянд. Дар натиҷа кӯшишҳои талқини ваҳдоният, яъне ягона будани Худо ривоҷ ёфта, таълимоти динию фалсафӣ (теизм, худосозӣ) ба вуҷуд омаданд. А. хоси фолклор низ мебошад. Дар афсонаҳо, сурудҳо, чистонҳо ба ашё ва ҳодисаҳо хислатҳои инсонӣ дода шудаанд, вале аз мушобиҳаи динӣ бо хусусияти ба зиндагӣ наздиктар буданашон фарқ доранд. А. ба баъзе мафҳумҳои илмӣ (қувва, энергия, кор) низ хос аст, вале онҳо ифодакунандаи воқеияти объективӣ мебошанд. Пешрафти илм ва кашфи моҳияту сабаби воқеият ва падидаҳои олами моддӣ ҷаҳонбинии илмиро тавсеа дода, боиси маҳдудияти А. мегардад.

К. Олимов.

АНТРОПОНИ́МИКА (аз *антропо…* ва onyma – ном), соҳаи ономас-иология (то с-ҳои 60 а. 20 ономастика мегуфтанд), ки маҷмӯи маълумоти антропономӣ, яъне номи хоси одамон (ном, насаб, лақаб, тахаллус, куния, унвонҳои фахрӣ, шаклҳои кӯтоҳшуда), таърихи пайдоиш, таҳаввулот, қонунияту вазоифи онҳоро, меомӯзад. Ахбореро, ки ном бо худ дорад, аз ҷумла хислату сифатҳои шахс, ба кадом оила, авлод қавм, нажод, миллат, халқият, касбу машғулият, табақа, маҳал ва ғ. мансубият доштани шахсро меомӯзад. А. барои таҳқиқи таъриху этнография ва фарҳанг маводи пурқимат буда, таҳаввули вазъи сиёсӣ, ичтимоиву маданӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ, динӣ, маънавию ахлоқӣ, эстетикӣ, шавқу завқ, майлу хоҳиш, тафаккур, эътиқоду меҳру муҳаббати ба ниёгон ва расму оин доштаи мардумро дар худ таҷассум менамояд. А. метавонад дар аниқ намудани таркиби этникӣ ва кӯчиши аҳолӣ дар давраи гузашта чун манбаи пурқимати таърихӣ хизмат кунад. Аз сохту намуд ва миқдори антропонимҳо дар кадом сатҳ ва чӣ қадар давом кардани муносибатҳои байниҳамдигарии миллатҳоро муайян кардан мумкин аст.

Ад.: Ҳайдарӣ Ш., Андар масоили номшиносӣ// Мақолаҳои номшиносӣ, Пермь, 2001; ҳамон муалл., Из истории изучения антропонимии ираноязычных народов, Пермь, 2009.

М. Аюбова.

АНТРОПОНО́ЗҲО (аз *антропо…* ва nosos – беморӣ), бемориҳои сироятиеро гӯянд, ки ба онҳо фақат одамон гирифтор мешаванд. А. эҳтимол баробари дар рӯи замин пайдо шудани инсон ба вуҷуд омадаанд. Дар зинаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъият баҳри ташаккули як бемории сироятӣ ва аз байн рафтани бемориҳои сироятии дигар шароити мусоид пайдо шуд. Раванди ташаккули А. ба таври гуногун сурат мегирифт. Як гурӯҳи ин бемориҳо (исҳоли хунин, вабо, аксар амрози роҳи нафас, варача ва ғ.) агар аз қадамҳои аввалин ҳамроҳи инсон бошанд, бемориҳои дигар (домана, паратифҳо, ҳасба ва ғ.) эҳтимол дар натиҷаи ба бемории одам табдил ёфтани касалиҳои ҳайвонот ба вуҷуд омадаанд. Бисёр А. аз замонҳои қадим маълум буда, мисли дигар бемориҳои сироятӣ бинобар таҳаввулоти ангезандаҳо пайдо шудаанд. Ба густариши А. омилҳои ичтимоӣ ва табиӣ таъсир мерасонанд. Ба А., *антропозоонозҳо* ва *зоонозҳо* тақсим намудани бемориҳои сироятӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.Ниг. низ *Бемориҳои сироятӣ, Сироят.*

АНТРОПОСОТСИОЛО́ГИЯ (аз *антропо…* ва сотсиология – ичтимоиёт), назарияи ичтимоие, ки дар асоси таҳрифи маълумоти *антропология* мақоми ичтимоии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳоро бо аломатҳои анатомию физиологии инсон (ҳаҷму шакли косахонаи сар, қад, ранги мӯй ва ғ.) бевосита алоқаманд менамояд. А. ҳодисаҳои ҷамъиятиро низ дар ҳамин замина таъбир мекунад. *Нажодпарастӣ* дар муборизаи мафкуравӣ А.-ро васеъ истифода мебарад.

АНТРОПОСО́ФИЯ, (аз *антропо…* ва юн. sophia – ҳикмат), таълимоти ирфонӣ (дар бораи одам, як навъи *теософия* мебошад), ки дар он ақидаҳои пифагориён, навафлотуниён, гностикҳо ба ҳам омехтаанд. Асосгузори А. немис Рудолф Штейнер (1861 – 1925) с. 1913 дар Дорнах (Швейтсария) «Ҷамъияти умумии антропософӣ»-ро таъсис намуд. Ӯ дар асарҳои худ « Илми ғайб» ва «Антропософия» моҳияти ин таълимотро баён кардааст. Мувофиқи таълимоти А. Худо дар ҳодисоти табиат таҷассум гардида, гӯё дар шакли одам эҳё мешавад. Дар масъалаи давлат А. утопияи Афлотунро тарафдорӣ мекунад. Ҳоло А. дар Англия, ШМА ва дигар мамлакатҳо интишор ёфтааст. Мувофиқи ақидаи баъзе олимон А. шаҳодати бӯҳрони фалсафаи навин буда, фалсафаро обурангу мазмуни динӣ медиҳад.

К. Олимов.

АНТРОПОХО́РИЯ (аз *антропо…* ва choreo – ҳаракат мекунам), аз як ҷо ба ҷойи дигар, ҳатто аз як қитъа ба қитъаи дигар ба воситаи одам паҳн шудани мева ё тухми баъзе растаниҳо. Чунин растаниҳоро антропохорҳо меноманд. Онҳо аксар вақт аз ҳудуди *ареали* табиии худ берун мебароянд ва ба шароити нав мутобиқ мегарданд. Ба антропохорҳо, одатан, алафҳои бегона ва дигар растаниҳои ба онҳо шабеҳ мансубанд. Баъзе антропохорҳо барои паҳн гаштани тухмашон мутобиқ шудаанд. Мас., дони алафҳои бегона, ки бо тухмӣ якҷоя паҳн мешавад, ҳамроҳи ҳамон зироат баробар месабзад ва аз рӯи як қатор аломатҳо ба он монанд низ мебошад. А. тасодуфан (дар натиҷаи ба либос, пойафзор, каланд, бел, замбар ва ғ. часпидан) ё ба воситаи одам (бо мақсади дар дигар ҷой парвариш кардани растанӣ) ба вуқӯъ меояд.

АНТӮ́, $C_{11}H_{10}N_2S$, як навъ зоосид. А-ро ба мулӯҳҳои хӯрокӣ ҳамроҳ карда (0,5 – 3% моддаи таъсирбахш дорад), барои нобуд кардани калламушҳо ба кор мебаранд. А. моддаи кристаллии сафед буда, ҳамчун хока истеҳсол карда мешавад.

АНӮ́, $C_{12}H_{10}O_2$, як навъ гербисид. Моддаи сафеди кристаллӣ; ҳарор. гудозиш 133°С. Дар шакли кислота ва намаки калий (дар об нағз ҳал мешавад) истеҳсол карда, барои танзими рушд, пешгирии рехтани мева ва дер гул кардан (бо мақсади сармо назадан) ба дарахтони себ мепошанд. Дар шакли маҳлул (20 – 150 мг дар 1 л об) истифода мешавад. Барои занбӯри асал чандон зарар надорад.

АНӮБИС, яке аз худоҳои миллии Мисри Қадим. Дар Мисри Қадим А. худои фавтидагон, нигоҳдорандаи дахма ва мадфуншудагон ҳисоб меёфт. Мумиёро барои нигоҳдории фиръавнҳо гӯё маҳз бо ёрии А. месохтаанд. Дар таърихи дини мисриёни қадим маҷмӯаи навиштаҷоте бо номи «Китоби фавтидагон» аҳамияти хосае дошт, ки баъди марг бо ҳамроҳии фавтида дар қабр мегузоштанд. «Китоби фавтидагон» аз чанд қисмати гуногун иборат буда, дар он сурудҳои

охиратӣ ва роҳҳои мумиёкунӣ дар охират дарҷ ёфта буданд. Дар яке аз бобҳои «Китоби фавтидагон» навишта шуда буд, ки рӯҳи фавтида дар охират дар ҳузури қозигии А. худро сафед карда мегуфт, ки «Ман чизе маҳкумкунандаи худоёнро содир накардаам. Ман мусоидат накардаам, ки хоҷаам ғуломашро биранҷонад. Ман ӯро маҷбур накардаам, ки гурусна нигоҳ дорад. Ман ашки касеро нарехтаам. Ман касеро қатл накардаам». Ҳамчунин як боб дар бораи саёҳати фавтида дар киштии тиллоии худои олии миллату давлати мисриёни қадим – Ра сабт шуда буд. Баъди марг гуноҳ ва савоби фавтида дар шоҳидии А. баркашида мешуд.

А. Комилӣ.

АНУРИ́Я (аз юн. an – ҳиссачаи инкорӣ ва uron – пешоб), наомадан ё хеле кам омадани пешоб. А. дар натиҷаи бемориҳои вазнини гурда, роҳи пешобро бастани санги масона, аз омос фишурда шудани нойи пешоб, суст шудани кори дил ва ғ. ба вуҷуд меояд. Аломатҳои А. хушк шудани даҳон, ташнагӣ, дилбеҳузурӣ, қай ва ғ. мебошанд. Зиёда аз ду шаборӯз наомадани пешоб боиси захролудии организм ва *уремия* мегардад. Бо мақсади табобати А. қабл аз ҳама сабаби онро бартараф сохтан лозим аст. Дар сурати ғайриимкон ё бесамар будани тадбирҳои зарурӣ аз гурдаи сунъӣ истифода мекунанд.

АНӮШЕРВО́Н, симои (образи) шоҳи ормонӣ, одилу раиятпарвар дар адабиёти паҳлавӣ, адабиёти асрҳои миёнаи форс-тоҷик (адабиёти классикии форс-тоҷик), таърихҳои исломӣ (ба забони арабӣ ва форсии тоҷикӣ таълифшуда) ва ғ. Манбаи пайдоиши ин симо ва инъикоси он дар осори бадеӣ шахси таърихӣ – подшоҳи 21-уми сулолаи Сосониён Хусрави I Анӯшервон (ҳукмр. 531 – 579) аст. Зардуштияи рошидӣ (дини давлатӣ дар замони Сосониён), осори диние, ки ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) иншо шудаанд, қадру манзалати А.-ро баланд бардоштанд. Ҳамин анъана дар давраҳои баъдина вобаста ба шароити нави иҷтимою сиёсӣ идома ёфта, ба рангу мазмунҳои дигар зуҳур кардааст. Баъд аз тарҷумаи осори паҳлавӣ ба забони арабӣ А. чун шахси таърихӣ ва шоҳи ормонӣ ба асарҳои таърихнависони исломӣ дохил гардид. Дар шакли нисбатан комил симои А. дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тасвир ёфтааст ва, бешубҳа, сарчашмаи асосии густариши он дар адаби форсии тоҷикӣ ҳамин асар ба шумор меравад. Мувофиқи ривоятҳову достонҳои дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омада, А. ба ҷойи падараш нишаста раиятпарвариро пеш гирифт. Дар маросими ба тахт нишастан сардорону ҳокимони кишварашро панд дода, онҳоро ба роҳи адолат ҳидоят намуд. Вай ислоҳоти зиёде дар сиёсати боҷу хироҷ, корҳои сипоҳдорӣ, беҳсозии зиндагиву кори сипоҳиён ва ғ. ба сомон расонд. Фирдавсӣ аз кишваркушоиҳои А., набардҳои ӯ бо румиён, ҷангҳояш бо ҳайтолиён ва Хоқони Чин қисса менамояд. Дар аҳди А. шоҳмот (шатранҷ) аз Ҳинд ба Эрон оварда шуд ва сирри ин бозиро Бузургмеҳр – вазири А. ошкор сохт. Ба дарбори А. роҳ ёфтани Бузургмеҳр худ як достонест вобаста ба кору фаъолияти А. Шогирдписаре аз Марв, донандаи Авестову Занд – Бузургмеҳр ба дарбор омада таъбири хоби А.-ро мегӯяд ва ба хидмати дарбор пазируфта шуда, ба мансаби вазирӣ мерасад. Дар «Шоҳнома» инчунин аз қасди ҷони А. кардани писараш Нӯшзод сухан рафтааст. Ривоятҳои Фирдавсӣ, ҳикоятҳои осори таърихӣ ва нақлу достонҳои халқӣ боиси боз ҳам васеътар роҳ ёфтани қиссаи А. ба адабиёти форс-тоҷик гардид. Мас., дар «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ барои ифодаи ақидаҳои адолату додхоҳӣ дар бораи А. якчанд ҳикоят оварда шудаанд. Ин равия дар чанде аз достонҳои манзуму мансури намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик идома ёфтааст. Дар асарҳои пандуахлоқӣ низ қиссаи А. дарҷ гардидааст. Мас., муаллифи «Қобуснома» Унсурулмаолии Кайковус, ки шаҷараи авлоди худро аз А. медонист, дар боби 8-уми асараш пандҳои Анӯшервони Одилро меорад, ки гӯё онҳо дар дахмаи ӯ ба забони паҳлавӣ сабт гардида буданд. Қиссаи А. ба эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик ва халқҳои дигари Шарқ роҳ ёфтааст. Дар бораи А. афсонаҳо, нақлу ривоятҳо, ҳикоятҳои хурди пандуахлоқӣ, латифаҳо ва ғ. офарида шудаанд. Дар адабиёти форс-тоҷик А. намунаи додгарӣ, раиятпарварӣ мебошад.

Ад.: Абдулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ҷ. 8, Д., 2008.

М. Диловаров.

АНӮШЕРВО́Н (Хусрави I), подшоҳи сулолаи *Сосониён*. Баъд аз падараш Қубод с-ҳои 531 – 579 ҳукмронӣ кардааст. Дар муборизаи барои тахту точи падар бо бародаронаш бо ёрии Маҳбуди вазир ба пирӯзӣ расид. Дар замони подшоҳиаш бо давлати Рум ва дигар қабилаҳо ҷангида пирӯзиҳо ба даст даровардааст. Чунончи, дар с. 534 дар ҷанг бо румиҳо ғалаба кард ва тибқи аҳднома миёни ин ду давлат Рум чанд сол хироҷгузори Сосониён гардид. Соли 540 байни Сосониён ва Рум ҷанги навбатӣ даргирифт, с. 545 миёни ду тарафи ҷангкунанда мувофиқа эълон ва с. 561 сулҳи қатъӣ ба муддати панҷоҳ сол баста шуд. Дар ин ҷанг низ артиши А. ғолиб омад. А. бо туркҳо иттиҳод баста, қавмҳои ҳайтолиёнро шикаст дод ва с. 557 худи туркҳоро низ сахт саркӯб намуд. Соли 570 А. марзҳои давлаташро то Яман густариш дод ва ҳабашҳоро берун ронд. Дар с. 576 бори дигар румиҳоро шикаст дод. А. подшоҳи одил буд ва ба ӯ лақаби «Додгар»-ро додаанд. Дар баробари ҷангҳо А. дар дохили кишвар ба хотири ободию осудагӣ ислоҳот гузаронд. Баъд аз баста шудани Академияи Афина ва ба таъқибот дучор гардидани ходимони он, А. 7 тан аз файласуфони Юнонро ба дарбори худ пазируфт.

Қ. Расулиён.

АНӮШЕРВО́Н ибни Манучеҳр**,** (с. тав. номаълум – ваф. 1043), ҳокими Гургон ва Табаристон аз хонадони Зиёриён. Солҳои 1031 – 1043 баъд аз падараш Манучеҳр ҳукмронӣ кардааст. Чун А. хурдсол буд, зимоми умури кишварро тағояш Абуколиҷор дар даст гирифт. Дар оғоз Абуколиҷор ба назди султон Масъуди Ғазнавӣ намоянда фиристод ва салтанати ӯро эътироф намуд. Соли 1033 Масъуд ба Ҳиндустон лашкар кашид ва Абуколиҷор аз ин мавқеъ истифода намуда, бар зидди Масъуди Ғазнавӣ исён бардошт. Баъд аз бозгашт аз Ҳинд дар с. 1034 Масъуд барои саркӯбии Абуколиҷор сӯи Гургон ҳаракат кард. Абуколиҷор ва А. Гургонро тарк намуда, ба Рай паноҳанда шуданд. Дар набарди маҳали Нотили Омул онҳо аз сипоҳи Масъуд шикаст хӯрданд ва султон онҳоро авф кард. Баъд аз шикасти Султон Масъуд аз тарафи артиши Туғрули Салҷуқӣ А. аз тобеияти Ғазнавиён берун шуда, Абуколиҷорро дастгир ва зиндонӣ кард. Туғрули Салҷуқӣ аз ин воқеа огоҳ шуда, с. 1041 ба Табаристон лашкар кашид. А., ки наметавонист дар муқобили Туғрул муқовимат кунад, чорае ҷуз тобеият надид. Минбаъд силсилаи Оли Зиёр инқироз ёфт.

Қ. Расулиён.

АНӮШЕРВО́Н ибни Холид Шарафуддин ибни Муҳаммади Кошонӣ (1066, Кошон – 1137, Бағдод), адиб ва ходими давлатии форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш таҳсил кард ва чун шахси

донишманд шӯҳрат ёфт. Дар дарбори ҳукумронони давраш хидмат мекард ва то ба дараҷаи вазирӣ расид. Дар манбаъҳои таърихиву адабӣ чун вазири донишманд ботадбир, шахси дар назму насри форсӣ ва арабӣ барӯманд сутуда шудааст. Махсусан, ба ашъори арабиаш баҳои баланд додаанд. Таърихи хонадони Салчуқиёни Ирокро дар асаре бо номи «Нафсат-ул-масдур ва футуру замон-ас-судур ва судуру замон-ал-футур» ба забони форсӣ нигоштааст. Ин китобро Имоди Котиб (1125 – 1200) ба арабӣ гардонд. Адибу таърихнигор Қивомуддин Фатҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммади Бундорӣ (а. 13) асари А.-ро ба шакли талхис (хулосакардашуда) ба хонанда пешниҳод кардааст. Ҳангоми дар мансаби вазирӣ будан А. нисбат ба адибону аҳли эҷод ғамхор буд. Ҳарирӣ «Мақомот»-ашро бо дастгириву сарпарастии А. иншо кардааст. А. дар Кошон китобхонаи бузурге дошт, ки то с. 1275 боқӣ будааст. *С. Воҳидов.*

АНӮШТЕГИ́Н Ғарча (с. тав. номаълум – ваф. 1097), асосгузори сулолаи *Хоразмшоҳиён*. Солҳои 1077 – 96 хукмронӣ кардааст. Чун дар охирҳои салтанати Маликшоҳи Салчуқӣ ҳудуди кишварҳои тасарруфнамудаи салчуқиён хеле вусъат ёфта буд ва подшоҳ наметавонист ба танҳоӣ аз ӯҳдаи идора намудани он барояд, ҳукмронии иёлот ва вилоёти гуногунро ба дасти шоҳзодагон ва амирон вогузор намуд. Аз ҷумла ҳукмр. сарзамини Хоразмро ба А. супурд. А. дар Хоразм силсилаи Хоразмшоҳиёнро таъсис намуд ва баъд аз ӯ авлоди Қутбиддин, Алоуддин, Тоҷиддин, Ҷалолуддин, Алоуддин Такеш ва Ҷалолуддин Манкубар ҳукмронӣ кардаанд. *Қ. Расулиён.*

А́НФИНСЕН Кристиан Бемер (26. 3. 1916, Монессен, штати Пенсилвания, ШМА – 14. 5. 1995), биохимики америкоӣ, Узви АИ миллии ШМА, Академияи санъат ва илм (1958), Узви хориҷии Ҷамъияти шоҳигарии Дания (1964). Хатмкардаи Донишгоҳҳои Пенсилвания (1939) ва Гарвард. Корманди лабораторияи Карлсберг дар Копенгаген (1940), мактаби тиббии Гарвард (1944 – 50), мудири лабораторияи ситофизиология ва муодилаи моддаҳои Ин-ти миллии кардиологӣ (1950 – 52; Бетесда, штати Мэриленд). Аз с. 1963 роҳбари лабораторияи биохимияи Ин-ти миллӣ оид ба тадқиқи артрит ва мубодилаи моддаҳо. Барои тадқиқи рибонуклеазаҳо, хусусан робитаи мутақобила байни тартиби аминокислотавӣ ва конферментҳои аз лиҳози биологӣ фаъоли он сазовори Мукофоти Нобел дар соҳаи химия (1972, ҳамроҳи С. *Мур* ва У. *Стайн*) гардидааст.



АНФО́Л (ар. ал-Анфолу – ғаниматҳо), сураи 8-и Қуръон, дар Мадина нозил шудааст, аз 75 оят ва 10 рукӯъ иборат аст. Ба тартиби нузул сураи 95 мебошад. Номи А. аз ояти 1 гирифта шудааст. Сура дар хусуси ғазваи Бадр нозил шуд ва дар он баёни аҳкоми ғаниматҳо, сифату хусусиятҳои имоновардагон ба Худову Пайғамбар (с), муносибати онҳо ба ҷанг, бахусус ҷанги Бадр, нусрат ёфтани мӯъминон аз ҷониби Худо ба тавассути фариштагон дар ҷанг, баъзе ҳолатҳои ин ҷанг, итоат кардан ба амри Худову Пайғамбар (с) ва қабули даъвати онҳо, макру ҳилаҳои мушрикон ба муқобили Пайғамбар (с), нобуд шудани ин макрҳо ва молҳои дар ин роҳ сарфшуда ва ғ. оварда шудааст. Аз ояти 40 боз ба мавзӯи ғаниматҳо ва чигунагии тақсими он, ҳолоти мӯъминон ва мушрикон дар ҷанг, муносибати шайтон ба мушрикон ручӯъ шуда, дар зимн фиръавниёну пешиниён ва оқибати кори онҳо, муомила бо шиканандагони аҳду паймон зикр ёфтааст. Сипас боз баёни ҷанг, омодагии ҳарбии мусулмонон дар баробари ҳар гуна душман, шартҳои асир гирифтан, қабули фидя аз онҳо оварда мешавад. Баъд оятҳое меоянд, ки дар онҳо ҳамаи мусулмонони замони Пайғамбар (с) – муҳоҷирону ансориён дар асоси имон, ҳиҷрат, ширкат дар ҷиҳод ва муносибат ба ҳиҷрату ҷиҳод табақабандӣ шуда, савобу подоши онҳо муайян гардидааст. *М. Умаров.*

А́НХЕЛ, Чурун-Мерун (Angel, Churun Merun), шаршара дар Америкаи Ҷанубӣ. Дар болооби д. Чурун (ҳавзаи Ориноко), дар теппакӯҳҳои Гвиана, дар ҳудуди Боғи миллии Канаймаи Венесуэла воқеъ гаштааст. А. аз қ.-и теппакӯҳи мусаттаҳе, ки онро мардуми таҳҷоӣ Ауян Тепуй (Кӯҳи Ҷин) меноманд, ҷорист. А. баландтарин шаршараи олам буда, иртифои зинаи ҷоришавиаш 1054 м ва баландии резиши озодаш 979 м аст. Ба шарафи лётчики америкоӣ Ҷимми Энҷел (Анхел), ки с. 1935 барои дарёфти тилло ба ҷангалҳои тропикии Венесуэла дар монопланӣ «Фламинго» (ҳоло моли Музейи авиатсияи Маракай, Венесуэла) парвоз карда онро дарёфтааст, номгузорӣ шудааст. А.-ро бори аввал с. 1910 тадқиқотчии испанӣ Эрнесто Санчес ла Крус вохӯрда буд, аммо бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои хабаррасонии он замон ва ё дигар сабабҳо он қадар овоза нашуд. Дарёфти Энҷел кашфи расмии А. дониста шудааст.



Шаршараи Анхел.

АНҶИБА́Р, 1) атранҷибар, анҷибари бӯё (Pelargonium roseum), як навъ нимбутта ё буттаи худрӯй. Дар шароити Тоҷикистон зироати яксола аст. Пояш рост ё андак хамидаи сершох (1 – 2 м қад мекашад). Баргаш панҷамонанд (дарозиаш 4 – 5 см, бараш 5,5 – 7,5 см), думчадор, барги навсабзаш серпашмак. Гулаш гулобӣ, 5-барга (хӯшааш 2 – 12-гула). А. аслан аз Африкаи Ҷанубист. Онро дар бисёр кишварҳои дунё парвариш карда, аз баргу пояш равғани эфир мегиранд. А.-ро ба Тоҷикистон с. 1931 овардаанд. А. зироати гармипарвард аст. Тирамоҳ пеш аз кишт ба замин нурии органикӣ андохта, чуқур (27 – 30 см) шудгор мекунанд. А.-ро аз қаламча зиёд менамоянд. Баргу пояи А. барои истеҳсоли равғани эфир, одатан, моҳҳои авг. – сент. ғундошта мешавад. Солҳои пеш дар хоҷагиҳои пешқадами ҷумҳурӣ аз ҳар



Анҷибари бӯё.

га анҷибарзор 500 – 600 сентнер баргу пояи сабз ҷамъ оварда мешуд. Аз 1 т баргу пояи А. 1400 – 1500 г равғани эфир мегиранд. Сифати равғани эфири А. аз рӯи миқдори гераниол ва ситронеллоли таркиби он муайян карда мешавад. Равғани эфири А.-и гулобӣ 51,8 – 51,9% ситронеллол ва 21,4 – 20,2% гераниол дорад; ментол ном моддаи таркиби равғани эфир набояд аз 15% зиёд бошад. Равғани эфири А.-ро дар атриёт, қаннодӣ, тиб ва истеҳсоли локу ранг фаровон истифода мебаранд.

2) А.-и тал, кафшакгул (Geranium collinum), гиёҳест худрӯй. Пояаш сершох (15 – 120 см қад мекашад), пашмакдор. Баргаш гурдашакл, 5 – 7-парра, панҷамонанд. Гулаш бунафши арғувонӣ, гулобӣ, баъзан сафед (сершахд), моҳҳои июн – авг. мешукуфад. Тухмаш майда, дарозрӯя, бӯртоб (ох. июл – сент. мерасад). Дар минтақаи ҷангалзори дарахтони паҳнбарг, арчазор, алафзори дашт, марғзори баландкӯҳ, соҳили рӯду дарёҳо (қ-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, Тоҷикистони Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ, 800 – 3800 м аз с. б.) нумӯ меёбад. А.-и тал хӯрокии хуби чорвост (махсусан бузу гӯсфанд нағз мехӯрад). Табибони халқӣ ҷӯшоби бех ва баргашро чун доруи рафъи илтиҳоб ва хунбанд (ҳангоми хуншории бачадон ва бавосир) тавсия медиҳанд, инчунин бо он саръ, бехобӣ, тарбод, исҳол, иллати меъдаву рӯдаро табобат мекунанд. Баргу пояи кӯфтаи онро ба чароҳати бадани чорво мепошанд. Аз А.-и тал дар замонҳои гузашта ранги зард мегирифтанд.

Ад.: Қосимов Ҷ. К. (ва диг.), Зироатҳои Тоҷикистон, Д., 1975; Ҳоҷиматов М., Анҷибар, дар кит.: Энсиклопедияи Советии Тоҷик (ЭСТ), ҷ. 1, Д., 1978; Крачковская Л., Алимов Ф., Рекомендации по возделыванию герани в Таджикской ССР, Д., 1987; Полуденный Л. В., Сотник Е. Е., Эфирно-масличные и лекарственные растения, М., 1979; Флора Таджикской ССР, т. 6, Л., 1981. *М. Ҳоҷиматов.*

АНҶИБАРА́К (Polugonum nitans), гиёҳест бисёрсолаи худрӯй. Аз 25 то 95 см қад мекашад. Пояаш рост, баргаш дарозрӯя ё нештаршакл. Гулаш гулобии сафедтоб, хӯшагулаш байзашакл. Меваash чормағзаки секирра, суфта, ҷилодор, дорчинӣ. Июн – сент. гул карда тухм мебандад. А. дар алафзор, арчазор, тӯсзор, марғзорҳо мерӯяд. Дар қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва мавзеъҳои Тоҷикистони Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ паҳн шудааст. Дар тибби халқӣ хока ва ҷӯшоби решаи А.-ро барои



Анҷибарак.

муолиҷаи табларза ва исҳол истифода мебаранд, онро ба омосу пучак мебанданд, ҳангоми захми меъда, дарди санги гурда ва масона истеъмол мекунанд. Барои рафъи дарди санги талхадон ва масона 20 г решаи резакардаи А.-ро дар 1 л об 20 дақ. ҷӯшонда, бо дока меполоянд ва дар як шаборӯз якистаконӣ менӯшанд. Ғайр аз ин, аз А. ва тухми зағир (аз ҳар кадом 5 г ва дар як истакон об) ҷӯшоб тайёр карда, ҳангоми хуншории узвҳои дарун, захми меъда ва рӯдаҳо баъди ҳар 2 соат якчумчагӣ истеъмол мекунанд. Бо мақсади табобати луобпардаи ҷавфи даҳон 10 – 20 г решаи А.-ро дар як истакон об ҷӯшонда, бо он даҳонро мечайқонанд. Онро барои рафъи исҳол рӯзе 2 маротиба 1/4 - истаконӣ нӯшидан низ мумкин.

Ад.: Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

АНҶӢН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Роштқалъаи ноҳ. Роштқалъа. Аз А. то маркази ноҳия – деҳаи Роштқалъа 5 км, то вилоят 31 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 416 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, лагери «Шабдез» барои кӯдакони синни мактабӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АНҶӢР, тин (Ficus carica), як навъ бутта ё дарахти хазонрези субтропикист. Дарахташ сершохубарг, 5 – 7 (баъзан 10) метр қад мекашад. Пӯстлохаш хокистарранг, баргаш 3 – 7-парра, думчадароз, канораҳояш дандонадор, рӯяш сабзи сиёҳтоб, пушташ сабзи кушод. Баргу навдаҳои А. шираи сафед ҷудо мекунанд. Гулаш ба тавассути ҳашарот – бластофага (Blastophaga psenes) гардолуд мешавад. Дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бластофага ба сармои зимистон тоб намеорад (бинобар ин А. бидуни гардолудшавӣ ғӯра мебандад). Меваash тухммонанд, мурӯдшакл, лӯнда ё кулчамонанд; рангаш зард, сабз, бунафш (вазнаш 32 – 77 г, қутраш 2 – 3,5 см, баъзан 4,5 см); дар навдаҳои наврута ё порсола асосан дар бехи барг ҳосил мешавад. А.-и худрӯй аз ҷаз-ҳои Канар ва Африкаи Шимолӣ то Ҳиндустони Шим. Ғарбӣ, Афғонистон, кишварҳои соҳили Баҳри Миёназамин, Осиёи Хурд, Балкан, Шарқи Наздик ва Миёна, Закавказия, Қрим, Осиёи Марказӣ дучор меояд. Анҷирзори худрӯй дар Тоҷикистон асосан дар ҷойҳои шамолпаноҳи қ-кӯҳҳои Дарвоз, Ҳазратишоҳ (водии д. Панҷ), Қаротоғу Сарсарак (водии д. Вахш), нишебиҳои қ-кӯҳҳои Ғозималик, Рангон ва Сурхоб боқӣ мондааст.

Дар Тоҷикистон А. аз замонҳои қадим парвариш карда мешавад. Он дарахти равшанипарвар ва гармидӯст аст. Ба шӯрхок ва беобӣ тоб намеорад. Дар хунукии 12 – 14°С навдаҳои яксола ва дар 16 –20°С дарахти А.-ро пурра сармо мезанад. Дар ҷойҳои кушод А.-ро зимистон хокпӯш мекунанд. Дар Стансияи таҷрибавии зироати субтропикии ноҳ. Ҷалолуддини Румӣ навъи А.-и қадпаст рӯёнда шудааст, ки серҳосил ва барои хокпӯш кардан мувофиқ мебошад. А.-ро дар заминҳои обии хокашон ҳосилхези хокистарранг ва дорчинӣ мешинонанд. Ниҳолашро аз рӯи тартиби 4 Х 5 м (ба ҳар га 500 ниҳол) шинондан лозим; вобаста ба навъи хок, обмонӣ ва парвариш тартиби шинондани ниҳолҳоро тағйир додан мумкин аст. А.-ро аз қаламчаи навдаҳои



Анҷир.

яксола зиёд мекунанд. Дар тӯли нашв хоки байни раддаҳои анҷирзорро тирамоҳу баҳор шудгор карда, ба ҳар га то 120 кг нитроген, 90 кг фосфор ва 45 кг калий меандозанд, 4 – 6 маротиба об мемонанд. Дар ҷумҳурӣ бештар навъҳои серҳосил ва сармобардори «Вахш», «Грин-иския», «Кадота», «Далмати» ва «Асалӣ» парвариш карда мешаванд. А. соли 2 – 3-юми шинондан самар меорад. Аз ҳар га анҷирзор дар заминҳои обӣ то 100 – 120 сентнер, дар заминҳои лалмӣ 70 – 75 сентнер ҳосил мегиранд (то 50 – 70 сол ҳосил медиҳад). Ҳосили А.-ро соле ду маротиба меғундоранд. Ҳосили якум (А.-и хокӣ) нисбатан кам буда, июн – июл, ҳосили дуюм (А.-и токӣ), ки ҳосили асосӣ аст, авг. – окт. мепазад. Аз сабаби нобаробар пухтан, ҳосили А.-ро 12 – 15, баъзан то 18 маротиба меғундоранд. А.-ро тар мехӯранд, мехушконанд, аз он мураббо, консерв, полуда (ҷем), қаҳваи сунъӣ ва ғ. тайёр мекунанд. А.-и тару тоза пас аз 4 – 5 соат турш мешавад, аз ин рӯ онро ба ҷойҳои дур кашондан номатлуб аст. Аз 100 кг меваи тару тоза 30 – 35 кг анҷирқоқ гирифтан мумкин. Анҷирқоқ ҳеле серғизост. А.-и тар 12 – 18% ва А.-и хушк 55 – 70% қанд, инчунин сафеда (6%), оҳар (3%), пектин (5,4%), витаминҳои А, B_1, B_2, С, намакҳои органикӣ, оҳан, фосфор (263 мг%), калий (1161 мг%), калсий, мис ва магний (117 мг%) дорад.

Шифобахшии А. ба таркиби химиявиаш вобаста аст. Ниёгони мо бо А. бемориҳои зиқи нафас, сурфаи музмин, камхунӣ, бемадории организм, тапиши дил, бемориҳои меъда, ҷигар, гурда, сипурз ва ғ-ро муолиҷа мекарданд. Абуалии Сино истеъмоли А.-ро ба одамони солхӯрда ва ашхоси аз бистари бемории вазнин хеста тавсия медиҳад. Меваи А. хосияти арақу пешоронӣ дорад. А.-и дар шир ҷӯшонда сурфаи хушк ва илтиҳоби роҳи овозро рафъ месозад. Ҷӯшоби баргҳои наврустаи А. давои хуби киҷҷарон аст. Тухми А. исҳоловар мебошад. Дар «Махзанул-адвия» омада, ки «Беҳтарини анҷир ширини шодоби он аст, ки хоҳ сафед бошад ва хоҳ сиёҳ. Сафеди он ҷиҳати хӯрдан ва сиёҳи он ҷиҳати даво беҳтар аст... Анҷир серғизо, зудҳазм, таскиндиҳандаи ҳарорат ва ташнагӣ мебошад. Ва чун ношто бихӯранд, маҷории ғизоро кушода намояд ва баданро фарбеҳ созад ва хӯрдани он пеш аз таом талъини батн намояд, шикамро мулоим гардонад». Дар саноати тиб аз шираи барг, навдаҳои таррак ва меваи А. барои табобати лейкодермия доруи «фуролен» тайёр мекунанд. Дар барги А. псорален ва бергаптен ёфт шудааст, ки онро барои мулоҷиаи касалии барас (песӣ), дилу рагҳо ва омоси саратонофар истифода мебаранд. Аз шираи А. ҳамчунин ферменти фитсин мегиранд, ки дар муолиҷаи тромбоз ва дар саноати гӯшт ба кор меравад. Одамони гирифтори ғалаёни хун ва амрози дил беҳтар аст А.-и хушкро истеъмол намоянд. Истеъмоли А. барои ашхоси гирифтори касалии қанд, фарбеҳӣ, захми меъда, гастрит, илтиҳоби шадиди роҳи меъдаю рӯда зиён дорад. А.-и худрӯй чун дарахти нодир, пурқимат ва қадима ба «Китоби сурх» дохил карда шудааст.

Ад.: Запрягаева В. И., Дикорастущие плодовые Таджикистана, М. Л., 1964; Розанов Б. С., Плодовотство Таджикистана, Д., 1970; Арендт Н. К., Сорта инжира, Тр. Ник. бот. сада, т. 56, 1972; Петрова Е. Ф., Инжир в Средней Азии, Ашхабад, 1984; Загребальный И. А., Перспективы размещения субтропических культур на адирных землях Бабачусая, мач. «Сельское хозяйство Таджикистана», 1984; № 8; ҳамон муалл. Типизация земель в Южном Таджикистане для субтропического плодоводства, мач. «Сельское хозяйство Таджикистана», 1984, № 4; Гулов С. М., Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон, Д., 2008. *С. Гулов.*

АНҶӢР, деҳа дар ҷамоати деҳоти Гулистони тобеи ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази ҷамоати деҳот 28 км, то маркази шаҳр 24 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 578 нафар (2010), асосан тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғу токпарварӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашмаи Анҷир обёрӣ мешаванд.

АНҶӢР, деҳа дар ҷамоати деҳоти Навободи тобеи ш. Турсунзода. Аз А. то маркази ҷамоати деҳот 32 км, то маркази шаҳр 27 км; роҳ қисман асфалтпӯш. Аҳолиаш 203 нафар (2010), ӯзбекҳо. Деҳа мактаб надорад, хонандагон дар мактаби деҳаи Каронӣ таҳсил мекунанд. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз дарёчаи Манзоб обёрӣ мешаванд.

АНҶИРА́К, навъе аз мурӯд. Худрӯй ва мазрӯъ мешавад. Дарахташ бутташакл, парешоншоха, 4 – 7 м қад мекашад. Пӯсти тана ва шохаҳои асосиаш сиёҳтоб, ҷигарии кушод ё хокистарранг, андаке хордор. Баргаш миёнаҳаҷм (5 – 6 Х 2 – 3 см), дарозрӯяи байзашакл, нештармонанд. Апр. – май гул карда, сент. – окт. меваааш мепазад. Меваааш миёнаҳаҷм (дарозиаш 38 – 40 мм, қутраш 40 – 42 мм, вазнаш 30 – 40 г), лӯнда, нӯгаш паҳн, пӯсташ зардча, сахт ва ғафс. Гӯшти меваааш сафеди гулобитоб, хушбӯй, сахт, доначадор, ширин ва андак нордон; 5 – 9 дона тухми ҷигарӣ дорад. Аз як бех дарахти 25 – 30-солааш 60 – 70 (баъзан 300 – 350 кг) ҳосил меғундоранд. Меваааш баъди пурра пухтан 11,82% қанд, 0,14% ҷавҳар ва 1,23 мг% витамини С дорад. Меваи А.-ро тару тоза мехӯранд, мехушконанд ва барои зимистон (40 – 60 рӯз) нигоҳ медоранд. Баъди аз дарахт чида нигоҳ доштан, меваааш хуштаъм мешавад. А.-ро аз тухм, бехҷаст ва бо роҳи пайванд зиёд мекунанд. Ниҳолаш баъди 4 – 5 сол самар меорад (ниҳоли аз тухм рӯидааш баъди 10 – 11 сол). Дар Тоҷикистон А.-и худрӯй дар қ-кӯҳҳои Ҳисору Олой, Дарвоз, минтақаи бешазори паҳнбарг ва гармсер (то баландиҳои 1400 – 1600 м аз с. б.) месабзад. Ниҳоли А.-и хасакро барои пайванд истифода мебаранд. Бисёр навъҳои маъмули нок ва мурӯд дар натиҷаи ба А.-и худрӯй пайванд кардан рӯёнда шудаанд. А. бештар дар дараи Ҳоит, деҳаҳои Ҷафр, Нимич, Янголику Хуфаки ноҳ. Рашт, Сатрону Пиндони ноҳ. Ҷиргатол дучор меояд. Дарахташ ба камобӣ, ҳашароти зараррасон ва касалиҳо тобовар аст.

Ад.: Қосимов М., Навъҳои маҳаллии мурӯду нокҳо, Д., 1971; Запрягаева В. И., Лесные ресурсы Памиро-Алая, Л., 1976.

АНҶИРА́К, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қалъаи Хумби ноҳияи Дарвоз. Аз А. то маркази ноҳия 3 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 219 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, боғдорӣ ва сабзаворкорӣ. Заминҳо аз дарёчаи Анҷирак обёрӣ мешаванд.

АНҶИРКО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Калинини ноҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Аз деҳа то маркази ноҳия – шаҳраки Москва 14 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2709 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаи Сафедоб таҳсил мекунанд. А. нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АНҶИРО́Б, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ёли ноҳ. Шӯроободи вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 22 км, то маркази вилоят 218 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 433 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази саломатӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ,

сабзавоткорӣ, занбӯриасалппарварӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АНҶИРУХО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саричашмаи ноҳ. Шӯроободи вил. Хатлон. Аз А. то ш. Кӯлоб 74 км, то маркази вилоят 163 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 99 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АНҶИРШАФТОЛӮ́, навъе аз шафтолуҳои маҳаллӣ. Дарахташ сершоху барг, шохаҳояш хамида, баландиаш 4 – 5 м. Навдаҳои офтобрасаш сурхча, навдаҳои тарафи сояаш сабзи зардтоб. Муғчааш калон, баргаш нештармонанд. Ох. март – авв. апр. гул карда, меваааш авг. мепазад. Дарахти А. худгардолуд мебошад. Гулаш калони гулобӣ, ғӯракаш серпашмак, меваааш миёнаҳачм (вазнаш 90 - 100 г), шалғамшакл, мағзаш зарди хуштаъм, серобу сершира ва андак нордон (12 – 13% қанд, 0,25 – 0,35% туршӣ дорад). Донакаш нисбатан майда (3,5 – 4 г). А.-ро дар Осиёи Марказӣ, ҳамчунин дар Эрон, Афғонистон ва Хитой парвариш мекунанд. Дар Тоҷикистон дар боғҳои обӣ ва лалмии водии Ҳисор, вил-ҳои Хатлон ва Суғд хуб нашъунамо мекунад. А. дар ҳама гуна хок месабзад. Ба гармо, хушкӣ ва сармо тобовар аст: дар ҳарор. то – 20°С дарахташро сармо намезанад. Ниҳоли он баъди 3 – 4 соли шинондан ба ҳосил медарояд. Аз ҳар бех дарахти А. 80 – 100 кг мева мегиранд. Меваашро тару хушк мехӯранд, аз он консерв тайёр мекунанд, мураббо мепазанд. А.-ро ба шафтолу, бодом, зардолу ва олуча пайванд кардан мумкин аст. Дар пайвандтаки хасаки шафтолу хуб рушд меёбад.

Ад.: Плодоводство Таджикистана, Д., 1970; Навъшиносӣ (помология), Д., 1999.

Ф. Ӯрунов.

АНҶИРШАФТОЛӮ́И СУРХ, навъе аз шафтолуҳои миёнапазаки маҳаллӣ. Дарахташ сершохубарг, то 4 – 5 м қад мекашад. Дарозии шохаҳояш то 5 м, ранги навдаҳои офтобрасаш сурхча, навдаҳои тарафи сояаш сабзи зардтоб. Пӯстлохи танааш шахшӯл, хокистарранги кушод. Муғчаҳояш калон, тӯда-тӯда ҷой гирифтаанд. Баргаш нӯгтез, нештаршакл, рӯяш суфта, сабзи кушод, канорҳояш дандонадор, думчааш дароз. Гулаш калони дуҷинса, гулобӣ, ғӯракаш серпашм. Меваааш миёнаҳачм (38 х 75 х 76 мм; вазнаш ба ҳисоби миёна 100 – 130 г), анҷирмонанд, чукурчаи қифшакл дорад; рангаш асосан сафеди зардча, бо доғи сурхи сиёҳтоб пӯшида шудааст;



Анҷиршафтолуи сурх..

думчааш кӯтоҳи ғафс. Гӯшти меваш сафеди нахдор, нарм ва хушбӯй, пӯсташ бо душворӣ ҷудо мешавад; донакаш нисбатан майда (5 г), гирдаи паҳн, хокистарранги кушод, аз гӯшт ҷудо намешавад (аксар вақт мекафад), мағзаш талх. А. с. дар ҳама гуна хок месабзад. Гулаш худгардолуд аст. Дарахташ ба гармо ва сармо (то –22°С) тоб меоварад. Норасоии об ба сифату таъми мева таъсири манфӣ мерасонад. Ниҳолаш соли сеюми шинондан ба ҳосил медарояд. Аз ҳар га 200 сентнер ҳосил мегиранд. Меваашро барои тарҳӯрӣ, тайёр кардани шафтолуоб ва мураббо истифода мебаранд. А. с.-ро дар вил-ҳои Суғд, Хатлон ва водии Ҳисор, инчунин дар Эрону Афғонистон, Хитой парвариш мекунанд. *Ф. Ӯрунов.*

«АНҶУМА́Н-УЛ-УДАБО́», тазкираест, ки Шамсуддин Ҳақиқии Табрезӣ (ваф. 1943) ном тазкиранигори эронӣ с-ҳои 1929 – 32 тартиб додааст. Ин тазкира аз 9 ҷилд иборат аст. Шарҳи ҳол ва намунаи ашъори 12 ҳазор шоирро дар бар мегирад. Номи шоирон мутобиқи алифбои арабиасоси форсӣ омадааст. Се ҷилди аввали «А.» аз ду қисм иборат аст. Дар қисми аввал шарҳи ҳолу намунаи осори 1378 шоир аз оғози шеъри форсӣ то а. 18 ҷой гирифтаанд. Дар қисми дуюм, ки аз 2 ҷилд иборат аст, оид ба 629 шоир маълумот дарҷ гардидааст. Қисми сеюми «А.» шарҳи ҳол ва осори муосирони муаллиф – ибт. а. 20-ро дар бар мегирад. Муаллифи «А.» ба ҳайси маъхази асараш *«Лубоб-ул-албоб»*, «*Тазкират-уш-шуаро*»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, *«Майхона»*, *«Сарви Озод»*, *«Оташкада»*, *«Маҷмаъ-ул-фусаҳо»*, *«Намунаи адабиёти тоҷик»* ва ғ-ро ном бурдааст.

Ад.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 1. Т., 1348. *М. Диловаров.*

АНҶУМА́НИ БАЙНАЛМИЛАЛӢИ МУТОЛИО́ТИ ҶАВОМЕ́И ФОРСИЗАБО́Н, созмони илмию фарҳангӣ. Соли 1999 таъсис ёфтааст. Дафтари асосиаш дар ш. Нию-Ёрки ШМА воқеъ мебошад. Бахшҳояш дар бисёр кишварҳои дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон (2001) ифтитоҳ гардидааст. Ҳадафи А. омӯзиши таърих ва фарҳанги мардуми форсизабони дунё мебошад. Ба узвияти он бисёр олимони варзидаи давлатҳои гуногуни дунё пазируфта шудаанд. А. соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла масоили улуми иҷтимоӣ, иқтисод, таърих, забон, адабиёт, фолклор, мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ғ-ро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Матолиби зарурирро дар маҷ. «Мутолиот дар ҷавомеи форсизабон» ба забонҳои форсию англисӣ ва дар хабарномааш «ASPS Newsietter» ба табъ мерасонад. Ҳамзамон А. ба хотири амалӣ сохтани ҳадафҳои худ ба олимони давлатҳои форсизабон бобати табъу нашри осори илмиашон, ширкат варзидан дар конференсияву семинарҳои илмии байналмилалӣ мадади моддӣ ва амалӣ мерасонад, барои таҷрибаомӯзӣ ва таҳсили кӯтоҳмуддат ба олимон ва донишҷӯёни ҷавони қобилиятнок дар ШМА шароити мусоид фароҳам меоварад.

АНҶУМА́НИ НАВИСАНДАГО́Н -и Тоҷикистон, мақоми (орган) олии идораи ИН Тоҷикистон. Дар А. н. муҳимтарин масъалаҳои эҷодию ғоявии адабиёт, ҳунари нависандагӣ, равияҳову ҷараёнҳои нави адабӣ, бурду бохти асарҳои мансуру манзум, асарҳои саҳнавӣ, адабиёти бачагону наврасон ва нақди адабӣ, ки аз як анҷуман то анҷумани дигар ба табъ расидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. А. н. оиномаи ИН-ро қабул мекунад, агар заруърат пеш ояд, ба он тағйироту иловаҳо ворид месозад. Ҷараёни А. н. аз интихоби мақомоти пешбарандаи кор (раёсат, котибот, ҳайати таҳририя ва комиссияи мандатӣ), оғоз меёбад. Дар замони шӯрой тибқи анъана дар А. н. дар оғоз Котиби якум ва ё Котиби идеологии Ҳизби коммунистӣ суханронӣ мекарданд. Дар даврони давлати соҳибистиқлол гардидани ҶТ дар А. н. агар Президенти кишвар иштирок дошта бошад, сухан мекунад ва ё ҷонишини аввали сарвазир номаи табрикии Президентро қироат менамояд. 23 апр. с. 1932 Қарори КМ ВКП (б) «Дар бораи дигаргунсозии ташкилотҳои адабӣ-бадеӣ» ба тасвиб расид. Дар асоси ин қарор Ҳизби коммунистии Тоҷикистон қарори худро (10 июли 1932) қабул намуд; дар он аз ташкили Оргбюрои (Кумитаи тадорукоти) ташкили А. н.-и Тоҷикистон

дар ҳайати зерин – С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Расулӣ (раис), С. Улуғзода, З. Тӯрақулов, Қ. Дайламӣ, Ҳасанӣ, Рустамова, Б. Азизӣ, Бурҳонов, Юртаев, Рашид Абдулло (котиби масъул) суҳан мерафт. Анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон аз 10 май то 18 майи с. 1932 давом кард. Рӯзномаи анҷуман аз 10 масъала иборат буд:

Маърӯзаи ҳисоботии Бюрои осиёимиёнагии нависандагон; Маърӯзаи ҳисоботии С. Носиров; Шаби адабӣ бахшида ба Пайрав Сулаймонӣ ва Мунзим (маърӯзаҳои Қ. Дайламӣ ва Раҳим Ҳошим); Шаби адабӣ бахшида ба эҷодиёти Фирдавсӣ (маърӯзаи проф. Фитрат); Дар бораи забони адабиёти бадеӣ ва аз ҷумла адабиёти тоҷик (маърӯзаи Комилӣ); Дар бораи вазъи ҷамъоварии фолклор (маърӯзаи Ҷабборӣ); Инъикоси Тоҷикистон дар адабиёти рус (маърӯзаи В. Шкловский); Дар бораи драматургияи тоҷик; Ташкили кор бо адибони ҷавон (маърӯзаи Зинкевич); Интихобот.

Дар ин анҷуман намояндаи нависандагони СССР, котиби якуми КМ ПК (б) Тоҷикистон Бройдо ва Раиси Шӯрои Комиссарони халқ А. Раҳимбоев, А. Лоҳутӣ суханронӣ карданд. Дар анҷумани мазкур Раиси ИН Тоҷикистон С. Носиров, котиби масъул Раҳим Ҳошим ва Раиси комиссияи тафтишот Алӣ Хуш, вакилон ба Анҷумани якуми нависандагони СССР интихоб гардиданд. Дар ҷараёну баргузории анҷуманҳои минбаъдаи ИН Тоҷикистон баъзе навигариҳо ба миён омаданд. Дар Пленуме, ки баъди анҷуман баргузор мешавад, раиси ИН, котибони ӯ (се нафар), инчунин сармуҳаррирони нашрияҳои ИН (ҳоло – 2011 – маҷ. «Садои Шарқ», г. «Адабиёт ва санъат», маҷ. «Памир») интихоб мешаванд. Баъд аз Анҷумани якуми ИН Тоҷикистон с-ҳои 1947, 1954, 1959, 1966, 1971, 1976, 1981, 1986, 1997, 2003, 2008 дувоздаҳ А. н. баргузор гардиданд.

Ад.: Набиев А., Таърихи ташаккули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Д., 2004.

Ҷ. Бақозода.

«АНҶУМА́НИ РАВША́Н», тазкираест, ки Сайид Абдулвосеъ Сафои Заворагӣ ном тазкиранигори эронӣ с. 1852 тартиб додааст. Шарҳи ҳол ва намунаҳои осори адибони ҳамасри муаллиф, ашхосеро дар бар мегирад, ки ситоишгари ҳукмрони вақти Исфаҳон – Ҷарогалихони Зангина (Сирочулмулк) буданд. Сафои Заворагӣ дар таълифи тазкирааш ба ҳамкасби худаш Мирзо Муҳаммадалӣ Музаҳҳиби Исфаҳонӣ тақлид кардааст. Мутобиқи алифбои арабии форсӣ «А. Р.» ба бобҳо ҷудо шудааст, ки онҳо дар тазкира «Фурӯғ» ном доранд. Нусхаи ягонае аз он моли донишманди эронӣ Сайид Муҳаммад Муҳити Таботабоист, ки хаттоти маъруф Абдураҳими Афсар ба хатти настаълиқ китобат кардааст.

Ад.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 1, Т., 1348 ҳ. ш.

М. Диловаров.

АНҶУМА́НИ РӮДАКӢ, муассисаи адабӣ ва илмию фарҳангӣ дар Париж (Франсия). Соли 1993 бо ибтикори як идда аз аҳли фарҳанги форсизабон таъсис ёфтааст. Густариши ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ миёни кишварҳои форсизабон, таҳкими робитаҳои ховаршиносони Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон бо ҳампешагони европоӣ, таҳия ва нашри китобу рисолаҳо оид ба забон, адабиёт ва фарҳанги форсизабонҳо дар Европа, мусоидат ба сафарҳои олимони тоҷик ба давлатҳои Европа ва олимони европоӣ ба Тоҷикистон, ҷалби назари тоҷикдӯстони саросари ҷаҳон барои сармоягузорӣ ба Тоҷикистон аҳдофи асосии А. Р. мебошанд. А. Р. бо АИ ҶТ, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, созмони «Пайванд», ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, Ҷамъияти дӯстдорони фарҳанги бостон, Бунёди тибби Сино, Бунёди Борбад робита ва ҳамкории зич дорад. Бо талоши А. Р. дар Париж китобҳои «Пажуҳиш дар фарҳанги бостон ва шинохти Авасто» (дар се ҷилд, 1998 – 2000) «Шоирзанони Афғонистон» (2000), «Ҳофиз» (2006) ва ғ. ба табъ расидаанд. А. Р. сохтмони биноҳои «Фарҳангистони ориёӣ» дар ш. Истаравшан, Озмоишгоҳи хуҷайраҳои бунёдӣ дар ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, Дармонгоҳи бахши ҷарроҳии қалб дар ш. Душанбе ва ғ-ро маблағгузорӣ кардааст. Аъзои фаъоли А.Р. раиси Коллеҷи байналмилалӣ дар Мадрид, намояндаи «Пайванд» дар Испания Манучеҳри Фарҳангӣ, шоири маъруфи эронӣ ва намояндаи «Пайванд» дар Америка Масъуди Сипанд, ҳуқуқшиноси байналмилалӣ ва яке аз бунёдгузорони А. Р. дар Париж доктор Обтин Сосонфар, устоди донишгоҳи Люзан, ҷарроҳи машҳури қалб аз Швейсария проф. Ҳусайн Содиқӣ дар таблиғи фарҳанги мардуми тоҷик ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон дар мамолики хеш хидмати босазое анҷом додаанд. А. Р. бо ҳамкории анҷумани «Пайванд» намояндагиҳои ин созмонро дар кишварҳои Испания, Голландия, Франсия, Англия, Германия, Белгия, ШМА, Канада ташкил кардааст. А. Р. доир ба шинохт ва эҳтироми миллати тоҷик дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, Шветсия, Франсия, Германия, Голландия ва ғ. конференсияҳои байналмилалӣ доир намудааст. Раиси А. Р. Масъуди Миршоҳӣ мебошад.

П. Ҷамшедов.

АРҶУМА́НИ ФАРҲА́НГИ БОСТО́Н, иттиҳодияи ҷамъиятии илмию фарҳангӣ. Соли 1992 дар ш. Душанбе таъсис ёфтааст. Иштироки фаъолона ва мусоидат дар бобати омӯзишу тарғиби фарҳанг, забон, осори илмию бадеии бостонии мардуми ориёӣ, хоса тоҷикон , эҳёи ҷашну суннатҳои бостонии мардуми эронинажод, ҳифзи ёдгориҳои таърихии бостонӣ ва ғ. аз аҳдоф ва вазифаҳои А. мебошанд. Бо саъю талоши аъзои он пораҳо аз китоби «Авасто» (2001) ва тарҷумаҳои форсии «Готҳо»-и Зардушт ба тоҷикӣ бо ҳуруфи крилликӣ баргардон ва нашр шудаанд. А. бо анҷумани «Рӯдакӣ» (Париж) дар баргузории ҳамоишҳои ҳарсолаи «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон» фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Ҳамоишҳои с-ҳои 1992, 1996, 2001, 2003 дар Душанбе, ҳамоишҳои дигар дар Ҳамбург (Германия), Гётеборг (Шветсия), Париж гузаштанд. А. бо анҷуманҳои «Пайванд», «Борбад», бо марказҳои фарҳангӣ дар Россия, Европа, ШМА, Австралия, Эрон, Ҳиндустон ва донишмандони алоҳида аз мамолики гуногун ҳамкорӣ мекунад. Шӯъбаҳои он дар вил-ҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ амал менамоянд. Раиси А. – проф. П.Ҷамшедов.

М. Диловаров.

«АНҶУМА́НИ ХОҚО́Н» тазкираест, ки шоир ва донишманди эронӣ Фозилхони Гаррусӣ мураттаб кардааст. Шарҳи ҳол ва намунаи ашъори шоирони ох. а. 18 ва нимаи авв. а. 19-и Эронро дар бар мегирад. «А. х.» дар асоси маълумоту санадҳои тазкираи «Анҷуманоро»-и *Ахтар* Аҳмадбеки Гурҷӣ мураттаб шудааст ва аз чор анҷуман (фасл) ва муқаддимаву хотима иборат аст. Дар муқаддима сабаби таълифи асар шарҳ ёфтааст. Анҷумани аввал ба зикри тарҷумаи ҳолу корномаҳои Фатҳалишоҳи Қоҷор (ҳукмр. 1797 – 1834), ки бо таҳалл. «Хоқон» шеър менавишт, бахшида шуда, намунаи ашъори ӯро дар бар мегирад. Анҷумани дуюм «Дар аҳволу афкори шоҳзодагон ва маъду-

де аз бузургони силсилаи Қоҷор» ном дорад. Дар анҷумани сеюм шарҳи ҳоли як қатор намояндагони дарбори Фатҳалишоҳи Қоҷор оварда шудааст. Анҷумани чорум зикри шоирони одӣ (ғайриасилзодагон)-и мамлакат ва аҳволу осори онҳоро фаро мегирад. Хотима «дар аҳволу ашъори муаллиф» мебошад, ки бо тахаллуси «Ровӣ» шеър менавишт.

«А. Х.» барои омӯхтани адабиёти ох. а. 18 – нимаи авв. а. 19 ва вазъи муҳити адабии дарбор дар он замон сарчашмаи хуб аст.

М. Муллоаҳмадов.

АНҶУМА́НИ 18-УМИ ҲИЗБИ КОММУНИСТИИ БОЛО, деҳа дар ҷамоати деҳоти Айнии ноҳ. Хуросон. Аз деҳа то маркази ноҳия – шаҳраки Обикиик 20 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2672 нафар (2009), тоҷикон. Бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва пахтакорӣ. Заминҳо аз канали Ёвонсу обёрӣ мешаванд.

АНҶУМА́НИ 18-УМИ ҲИЗБИ КОММУНИСТИ́И ПОЁН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Айнии ноҳ. Хуросон. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Обикиик 18 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 1773 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ. Заминҳо аз каналҳои Ёвонсу ва Хоҷакалъа обёрӣ мешаванд.

«АНҶУМАНОРО́», тазкираи шоир ва донишманди гурҷинасаби эронӣ Аҳмадбеки Гурҷӣ (тахалл. *Ахтар*). Ахтар с-ҳои 1807 – 16 ба тартиб додани «А.» машғул будааст. Бо вуҷуди ин аз сабаби вафоти ӯ тазкира нотамом монд. Бародари хурдии ӯ Муҳаммад Боқирбек, ки бо тахалл. «Нишотии Гурҷӣ» шеър менавишт, ба такмили тазкира пардохт. Вале ӯ ҳам дере нагузашта вафот кард ва шоҳи Эрон Фатҳалишоҳи Қоҷор (ҳукмр. 1797 – 1834) такмили тазкираро ба шоир Фозилхони Гаррусӣ супорид. Фозилхони Гаррусӣ с. 1818 ба ҷойи тазкираи Ахтар ба шоҳ тазкираи худ «Анҷумани Ҳоқон» -ро пеш ниҳод.

«А.» шарҳи ҳолу намунаи ашъори 95 (дар нусхаҳои дигар 127 – 129) нафар шоири ох. а. 18 ва нимаи авв. а. 19-и Эронро дар бар мегирад. Номи шоирон дар тазкира ба тартиби алифбои форсӣ омадааст. Муаллиф оид ба ҳар шоир маълумоти мухтасари тарҷумаиҳолӣ дода, аз ашъори онҳо намунаҳо овардааст. Маълумоти Ахтар мӯътамад буда, ба мушоҳидаҳои худи ӯ асос ёфтаанд. Ахтар ҳангоми зикри шарҳи ҳоли шоирон ба дараҷаи донишмандӣ ва аз кадом илмҳои замона баҳравар будани онҳо низ диққат додааст. Ҳамчунин ба касбу кор, устодону шогирдон, вазъи зиндагии шоирон ишораҳо кардааст. Мураттиб дар хусуси арзиши бадеии ашъори шоирон, сабку услуби онҳо, ба кадом навъу шаклҳои шеър рағбат доштану моҳир будани онҳо маълумот додааст. Дар баъзе мавридҳо Ахтар норасоиҳои эҷодии шоирон ва камбудиҳои тазкиранигоронро низ гуфтааст. Нусхаҳои хаттии «А.» дар китобхонаҳои Эрон ва кишварҳои дигар маҳфузанд. Як нусхаи онро донишманди эронӣ Хайёмпур с. 1964 дар Табрез ба табъ расонд. Соли 1968 эроншиноси шӯравӣ Л. Г. Ахмедзянова акси нусхаи хаттии Китобхонаи маҷлиси миллии Теҳронро дар ш. Москва чоп намуд.

«А.» сарчашмаи мӯътамади таърихи адабиёти ох. а. 18 ва ибт. а. 19-и Эрон буда, барои омӯхтани адабиёти ин давра хеле судманд аст.

Ад.: Тазкире Ахмада Горджи Ахтара «Анджоманара». Публикация факсимиле текста и исследование Л. Г. Ахмедзяновой, М., 1986;. Хайёмпур, Тазкираи Ахтар, Т., 1342 ҳ. ш.

М. Муллоаҳмадов.

«АНҶУМАНОРО́И НОСИРӢ», фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ аз Ризоқулихони *Ҳидоят.* Таълифаш с. 1870 анҷом ёфтааст. Дар «А. Н.» зиёда аз 16 ҳазор калимаю ибора ба тартиби алифбои арабии форсии тоҷикӣ ҷой гирифтаанд. Муаллиф шакли калимаҳоро бо зикри ҳаракати ҳарф (бо мақсади дуруст хонда шудани калима) ва калимаҳои ҳамвазн таъйин карда, маънои онҳоро гоҳ мухтасару гоҳ муфассал, бо нишон додани муродифу тазодҳояшон шарҳ медиҳад. Барои тасдиқи маънои калимаҳо аз эҷодиёти шоирони маъруфи адабиёти классикии форс-тоҷик байтҳо ва ё пораҳои шеърӣ овардааст. Ҳар фасли фарҳанг «Анҷуман» ва бобҳои дохилиаш «Намоиш» ном гирифтаанд. «А. Н.» дорои муқаддимаи муфассал иборат аз 12 қисм аст, ки муаллиф онҳоро «Ороиш» номидааст. Дар ороиши аввал вожаҳои муарраб ва мувалада ва мутафарриқа, дар ороиши дуюм баъзе вожаҳои форсӣ ва арабӣ ва табдилоти онҳо ва ғ. шарҳу тавзеҳ карда шудаанд. Дар маҷмӯъ муқаддимаи «А. Н.» ба ҳукми рисолаест оид ба вожашиносӣ ва сарфу нахви забони форсии тоҷикӣ. Дар хотимаи муқаддима таркибу ибораҳо, киноятҳо ва истиораҳои форсии тоҷикӣ мувофиқи алифбо ба фаслҳо («Пероиш») ҷудо гардида, андешаҳои мураттиб бо шоҳидҳо аз абёту пораҳои шеъри шоирон тақвият ёфтаанд. Мас.: оби оташранг, оби оташзой; оби оташнамой; оби оташсо; оби арғавонӣ; оби шингарфӣ – киноя аз майи лаълфом ва киноя аз ашки хунин. Ризоқулихони Ҳидоят дар тадвини «А. Н.» аз фарҳангҳои зиёди пеш аз худаш мураттабгардида истифода бурдааст. Яке аз маъхазҳое, ки ӯ ном мебарад, «Луғати «Шоҳнома»-и Муҳаммади Тусии Алавист, ки 300 сол қабл аз замони ӯ таълиф шуда буд. «А. Н.» с. 1288 ҳ. қ. (1872 м.) дар Теҳрон ба табъ расидааст. Муаллифони баъдина – Муҳаммад Подшоҳ («Фарҳанги Онандроҷ»), Деҳхудо («Луғатнома»), Муҳаммад Муин (дар тадвину ба чоп омода кардани «Бурҳони қотеъ») аз «А. Н.» истифода бурдаанд.

АНҶУМӢ Мирзо Боқии Бухороӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (нимаи дуюми а. 16). Муаллифони тазкираҳои дар а. 16 таълифшуда (Мутрибӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва дигарон) А.-ро чун шахси фозилу донишманд, дорои қобилияту истеъдоди худодод тавсиф намудаанд. Дар ҷавонӣ мулозими яке аз ҳокимони сулолаи Шайбониён буд. Баъдан ба Ҳиндустон сафар кард ва ба хидмати писари шоҳ Акбар (ҳукмр. 1556 – 1605) дохил шуд.

Аз А. дар тазкираҳои номбурда ва баёзҳо ғазалҳо, қасидаҳо, рубоиҳо, қитъаҳо сабт гардидаанд. Аз осори боқимондааш бармеояд, ки вай дар мавзӯъҳои ишқ, ҳасби ҳол, панду насиҳат ва ғ. ба сабки шоирони гузаштаи форс-тоҷик шеърҳо эҷод кардааст. Абёти зерин намунае аз ашъори ӯст:

То дили Фарҳодро Ширин барад аз дилбарӣ,
Гашта қуллоби муҳаббат нохуни кабки дарӣ.
Пеши сарви хеш хоҳам гарданатро баста бурд,
Фохта, аз пастии шамшод то кай мепарӣ?
Гар кашӣ сад сурат, эй Монӣ, наемонад ба пар,
Ман надонам чист мақсудат аз ин суратгарӣ.
Гар ба сар ҷо дода сархайли парирӯён шудӣ,
Метавон гуфт, эй парипайкар, туро рашки парӣ.
Пояи назмат чу гуфтори Низомӣ шуд баланд,
Анҷумӣ, мегӯ сухан з-ин пас ба тарзи Анварӣ.

Ад.: Каримов У., Адабиёти тоҷик дар асри XVI, Д., 1985. *У. Каримов.*

А́НШЛИФ, ҷинсҳои кӯҳии сангшуда, ангишт ё металле, ки як ё якчанд сатҳашон барои тадқиқи микроскопӣ дар рӯшноии инъикосшудаи микроскопи қутбишӣ суфта ё сайқал дода шудааст. А.-ро аз резаҳои минерал,

ки бо шилм часпонда ва дар қолаби махсус рехта шудааст, низ тайёр мекунанд. Ҷинсҳои сермасома ё ангиштро пеш аз суфта кардан бо қатрон, канифол ва ғ. мечаспонанд. Тадқиқотро дар микроскопҳои махсус, ки дар онҳо А. бо ёрии опак-иллюминатор ба воситаи объектив равшан мегардад, мегузаронанд. Дар А. ранги минерал хуб аён шуда, сахтии он, электрикгузарониаш омӯхта мешаванд; аз рӯи хусусияти инъикоскунии рӯшноӣ анизотропнокии А.-ро муайян мекунанд. Дар сатҳи А. содатарин реаксияҳои химиявиро гузарондан мумкин аст. Бо ёрии А. минералҳо ва пайдарпайии ҷудокунии онҳо, сохти маъданҳоро меомӯзанд.

АНЪАНА́ (ар. – аз гуфтори чанд нафар ба тартиб воқеае ё ривоятеро нақл кардан; расму қоидае, ки аз насл ба насл мегузаранд), намуди махсуси алоқаи иҷтимоӣ, ки ҳангоми амали арзишҳои фарҳангӣ таҷрибаи фаъолияти наслҳои гузаштаро дар худ инъикос намуда, дар зинаҳои гуногуни таърих бо мақсади ҳал намудани масоили нави амалӣ таъбир карда мешавад. Шаклу мазмуни арзишҳои фарҳангӣ дар муайян кардани табиати иҷтимоии А. мавқеи хосеро ишғол намоянд ҳам, ҳанӯз моҳияти ҷавҳари онро кушода наметавонад, зеро А. худи арзишҳои фарҳангӣ набуда, балки тарзи амали махсуси онҳост. Инсон барои ҳалли масъалаҳои замонавӣ аз таҷрибаи иҷтимоии наслҳои гузашта истифода мебарад. Маҳз тарзи таъбир ва истифодаи таҷриба моҳияти А.-ро ташкил медиҳад. Чунин нуқтаи назар имконият медиҳад, ки А.-ро ҳамчун механизми иҷтимоии доимо ташаккулу такомулёбанда тасаввур кунем. Ин механизм танҳо бо нигоҳ доштан ва интиқоли таҷрибаи наслҳо маҳдуд нашуда, ҳамчун тарзи инкишофи фарҳанги инсонӣ низ амал мекунад. Дар механизми А. доимо ду вазифаи мазмунан ба ҳам зидди диалектикӣ – консерватизм ва навоварӣ амал менамояд. Консерватизм таҷрибаи наслҳои гузаштаро дар шаклҳои устувараш нигоҳ дошта, дар тӯли қарнҳо аз насл ба насл мегузарад. Навоварӣ бошад, таҷрибаи мазкурро дар шароити нави фаъолият шарҳу таъбир дода, вазифаҳои тозаи онро муайян менамояд. Аз ин рӯ, ҳар ду вазифаи механизми А. дар ягонагии диалектикӣ ташаккулу такомул меёбанд.

Яке аз хусусиятҳои ҷавҳарии механизми А. шарҳу таъбир аст. Барои он ки арзишҳои фарҳангии наслҳои гузашта дар шароитҳои доимотағйирёбандаи фаъолияти инсонӣ амали пурмаҳсули худро идома диҳанд, мазмуни онҳо дар ҳудуди шаклҳои устувор доимо аз нав шарҳу таъбир меёбанд. Азбаски таъбир характери субъективӣ дорад, аз ин рӯ, он дуруст ё ғалат, васеъ ё маҳдуд, прогрессивӣ ё иртиҷоӣ буда метавонад. Субъект маҳз ба воситаи он муносибати худро бо ин ё он мероси гузашта ва насли гузашта муайян мекунад. Агар таъбир, аз як тараф, воситаи ҳалли масоили замона бошад, аз тарафи дигар, мазмуни меъёру арзишҳои фарҳангиро ғанӣ гардонда, ба онҳо умри дубора мебахшад.

А. хусусияти алоқаи иҷтимоии дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳукмронро дар механизми худ инъикос менамояд. Мувофиқи шаклҳои алоқаи иҷтимоӣ ду навъи А. – классикӣ ва замонавӣ вуҷуд дорад. Хусусияти нави классикии А. (дар формасияҳои ҷамъиятӣ – иқтисодии токапиталистӣ) дар он зоҳир мешавад, ки ҳангоми эҳёи арзишҳои анъанавӣ муносибати танқидӣ ба мазмуни онҳо ё вуҷуд надошт (мас., дар соҳаи дин) ё дар шакли тамоман маҳдуд зоҳир мешуд. Аз ин рӯ, лаҳзаи консервативӣ бартарӣ дошт ва шаклҳои мазмунии инкишофи фаъолият суст буд.

Хусусияти навъи замонавии А. дар он ҳувайдо мешавад, ки таҷрибаи иҷтимоии наслҳои гузашта мувофиқи шароитҳои тағйирёфтаи фаъолият ва масоили нави иҷтимоӣ таъбир карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми амали ин навъи А. арзишҳои фарҳангӣ дар лаҳзаи эҳё гарчанд шаклан бетағйир монанд ҳам, мазмуни онҳо доимо бошуурона ва аз нуқтаи назари танқидӣ аз нав таъбир карда мешавад. Дар ин ҷо таъбир ҳар чӣ бештар хусусияти илмӣ мегирад. Бинобар ин навоварӣ дар навъи мазкури А. мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Бояд қайд кард, ки шакли классикии А. дар замони ҳозира низ дар шакли тағйирёфта амал мекунад. Он махсусан дар соҳаи фарҳанг (фолклор, идҳои халқӣ, расму оинҳо, урфу одатҳо, маросимҳо, арзишҳои этикию эстетикӣ ва ғ.) равшан зоҳир мегардад. Он таҳти таъсири пешрафти иҷтимоӣ тағйир ёфта, хусусиятҳои замонавӣ касб мекунад. Мас., Иди Наврӯз, ки мо онро имрӯз ҷашн мегирем, ҳам шаклан ва ҳам мазмунан бисёр хусусиятҳои нави замонавиро касб намудааст.

Ад.: Власова В. В., Традиция как социально - философская категория, мач. «Философские науки», 1980, №4; ҳамон муалл., Исторические типы отношения общества к традиции, мач. «Философские науки», 1984, №5.

АНЪАНА́ ВА НАВОВАРӢ, ду паҳлуи ба ҳам алоқаманди ҷараёни адабӣ. Анъана вожаи арабӣ буда, маънои аз гуфтори чанд нафар ба тартиб нақл кардани воқеае ё ривоятеро дорад. Анъана дар адабиёт ба давра ва наслҳои баъдина расондани таҷрибаи ғоявию бадеии осори фолклорӣ – эҷодиёти даҳанакии халқ, офаридаҳои суханварони бузурги гузашта – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Ҷалолуддини Румӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Сайидо, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва дигарон мебошад, ки ба воситаи онҳо тафаккури бадеии халқ инъикос меёбад ва он дар афкори эстетикӣ, илми адабиётшиносӣ ҷамъбаст мегардад. Навоварӣ ба эътибори шаклу мазмун, бо дастовардҳову кашфиёти нави бадеӣ, ғояву андешаи нав, қаҳрамони нав, сабку воситаҳои нави нигориш ғанӣ гардонидани адабиёт аст. Навоварӣ аз анъана маншаъ гирифа онро рушду равнақ медиҳад ва бо мурури замон ба анъана табдил ёфта, воситаи асосии рӯйи кор омадани навоварӣ мешавад. Маҳз бо чунин таъсири байниҳамдигарии А. ва н. диалектикаи пешрафти пурвусъати адабиёту санъат сурат мегирад. Кашфиёту навгониҳои адабии эҷодкори асил ба дастовардҳои бузургони гузашта, ба анъанаҳои эҷодии онҳо такя мекунад. Замони нав бо талабу ниёзмандиҳои нав дар назди адибон вазифаи ҷустуҷӯю кашфиёти нави адабиро мегузорад, ки танҳо дар ҷараёни инкишофи эҷодии анъана сурат мегирад. Инкишофу равнақ бахшидани эҷодкор ба анъана ҷараёни ҳадафманд аст, ки на танҳо дар эҷодиёти ӯ, балки дар барномаҳои эҷодӣ, даъвату хитобаҳо ва ҳатто андешаҳои танқидии ӯ зуҳур мекунад. Дар даврони гардишу табаддулоти бузурги сиёсию иҷтимоӣ, инқилобӣ, ки ба инкишофу нав шудани адабиёту санъат мусоидат мекунанд, масъалаи А. ва н. аҳамияти хосе пайдо карда, диққати аҳли адабро ба худ ҷалб менамояд ва онҳоро водор менамояд, ки роҳҳои нави инъикоси воқеъиятро ҷустуҷӯ ва пайдо намоянд. Чунин табаддулоти азими иҷтимоӣ, ки боиси нав шудани шаклу мазмуни адабиёти тоҷикӣ гардид, пирӯзии Инқилоби Октябр дар Россия (1917) ва бар асари он пирӯзии инқилоб дар Бухоро (1920), барқарор шудани сохти давлатдории шӯроӣ

мебошад. Дар ин давра бо такя ба анъанаҳои адабиёти гузаштаи тоҷикӣ ва адабиёти русу кишварҳои Европа ба С. Айнӣ ва ҳамсафони ӯ муяссар гардид, ки шаклҳои нави шеър, жанрҳои адабии ҳикоя, повест, роман, хитобаҳою осори ташвиқӣ, драма ва ғ. офаранд, ки дар собиқа ҳамто надоштанд. Дар ин марҳилаи инкишофи адабиёти тоҷикӣ масъалаи А. ва н. аз масъалаҳои хоси рӯз дониста шуд. Вобаста ба анъана ва муносибат ба он дар ин давра масъалаи муносибат ба мероси адабӣ ба миён омад ва кӯшишҳои рӯ тофтан аз анъана (мероси адабӣ) ва дар ҷойи холӣ сохтани адабиёти нав ба чашм мерасид. Вале таҷрибаи чандинҳазорсолаи таърихӣ ва андӯхтаҳои муҳимми адабиёти муосири тоҷик аз с-ҳои 20-уми а. 20 то ба ибт. а. 21 нишон доданд, ки адабиёти асил танҳо дар заминаи анъаанаи миллӣ ва истифода аз анъанаҳои халқҳои дигар ба миён омада метавонад. Адибони маъруфи тоҷик, ки дар замони шӯроӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд, адибоне, ки дар даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зиндагиву эҷод карда истодаанд – С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Пайрав, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, С. Турсун, С. Р. Афардӣ, Гулназар, А. Самад, Камол Насрулло, Фарзона ва дигарон пайрави анъанаҳо буданду ҳастанд, навовариҳо кардаанд, мактаби адабии худ, анъанаҳои худиро доранд, ки дар заминаи онҳо наслҳои оянда аз онҳо истифода хоҳанд кард. Дар ҳамин падида пайванди ногусастании А. ва н. зоҳир мешавад, яке дигареро такмил медиҳад ва пешрафту рушди адабиёт таъмин мегардад.

Ад.: Шукуров М., Акбаров Ю., Анъана ва навоварӣ, Д., 1967; Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо, ҷ. 2, Д., 1978; ҷ. 1, Д., 1984; ҷ. 4, Д., 1980; ҷ. 6, кит. 1, Д., 1982; Акбаров Ю., Қисмати адабиёт ва қисмати шеър, Д., 1980; Шакурӣ М., Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист, Д., 2006; ҳамон муалл., Равшангари бузург, Д., 2006; Бако-заде Дж., Черты нового, Д., 1974. *Ю. Акбарзода.*

АНЪО́М, Ал-анъом, номи шашумин сураи Қуръони Маҷид. А. дорои 20 воҳиди мавзӯӣ буда, аз 165 оят иборат мебошад. Ин сура аз аҳди нузули Қуръон то кунун бо ном ва унвони дигаре ҷуз А. хонда нашудааст. Ин ном дар Қуръони Карим маҷмӯан 32 маротиба ва дар худи сура 6 бор зикр гардидааст. Аслан манзури сураи А. масоили ҳалолу ҳаром будани бархе аз ҳайвоноти аҳливу ваҳшӣ дар аҳди ҷоҳилият ва истифода аз онҳост. Сураи А.-ро уламои дин маккӣ меҳисобанд, ки он дар як навбат дар Макка барои ҳазрати Муҳаммад пайғамбар (с) нозил шудааст.

Ш. Олимова..

АОМИ́Н, Аомэн (Aomen), Макао, ноҳияи маъмурии махсуси Хитой, ки ба ҳукумати марказии ҶХХ тобеъ аст. Дар соҳили Баҳри Ҷанубии Хитой, дар назди резишгоҳи д. Чжусзян воқеъ гаштааст. А. нимҷаз. Аомин, ҷаз-ҳои Тайпа, Колоане ва якчанд ҷазираи хурдро дар бар мегирад. Масоҳ. 17,5 км^2, якҷоя бо минтақаҳои обшустааш – 21 км^2. Маркази маъмуриаш – ш. Аомин (Макао) (аҳолиаш 223 ҳазор нафар). Аҳолии ноҳия 560200 нафар (2009), 95% хитойиҳо, 3% португалиягиҳо ва 2% намояндагони миллатҳои дигар. Дар А. зичии аҳолӣ аз ҳама бештар дар ҷаҳон – 30 ҳазор нафар дар 1 км^2 аст, дарозумрии миёна низ – 81,4 сол – мардҳо, 87,5 сол – занҳо. Воҳиди пулӣ – патака. Аҳолӣ бо лаҳҷаи кантони забони хитойӣ гуфтугӯ мекунад, забони португалиявӣ ҳам роиҷ аст. Дину мазҳабҳо – католикӣ, даосизм ва буддоия. Бандари баҳрӣ ва аэропорти байналхалқӣ дорад.

Сохти давлатӣ. А.-ро Шӯрои иҷроияи мамлакат таҳти роҳбарии сарвари ҳокимияти иҷроия идора мекунад. Сарвар баъди интихоб шудан аз тарафи ҳукумати марказии ҶХХ (ба мӯҳлати 5 сол) расман тасдиқ мегардад. Ҳайати ҳукумати А. аз котиб, 4 узви Шӯрои қонунбарор, 4 намояндаи доираҳои расмӣ, 1 намояндаи иттифоқҳои касаба таркиб меёбад. Мақоми қонунбарор – Шӯро ё Маҷлиси қонунбарор, ки ба мӯҳлати 4 сол дар ҳайати 27 нафар интихоб мешавад. Қонунҳои дар А. қабулгардидаро Комитети доимии Конгресси миллии ҶХХ дида мебарояд ва агар онҳо хилофи Конститутсияи мамлакат набошанд, тасдиқ мекунад. Ҳизбҳо дар А. расман вуҷуд надоранд, вале анҷуманҳо ва гурӯҳҳои ҳимоягари манфиатҳои аҳолӣ – мас. Анҷумани мусоидат ба иқтисод, Иттифоқи Макао, Шӯрои мусоидат ба пешравӣ ва ғ. фаъолият мекунанд.



Маркази вақтхушӣ.

Таърих. Бозёфтҳои қадимтарин дар ҳудуди А. ба ҳазорсолаи 4 – 2 то м. мансубанд. Дар аҳди сулолаи Син (221 – 206 то м.) А. тобеи музофоти Гуандун буд. Соли 1277 наздики 50 ҳазор аҳли дарбор ва пайравони сулолаи Сун аз таъқиби муғулҳо гурехта ин ҷо паноҳ бурданд ва муқимӣ шуданд. Дере нагузашта он ба маркази тиҷорат табдил ёфт. Дар замони ҳукмронии сулолаи Мин (1368 – 1644) аз музофотҳои Гуандун ва Футсян моҳидорону муздурони дигар ба А. кӯчиданд. Соли 1553 ба нимҷазира португалиягиҳо бо киштиҳо расида, с. 1555 А.-ро барои ташкили тиҷорат аз Хитой иҷора гирифтанд (бо шарти соҳибихтиёрии Хитой ба нимҷазираи А.). Аммо дертар Португалия А.-ро (Макао ном гузошта) мустамликаи худ эълон кард. Соли 1887 ӯ протоколеро бар дӯши Хитой бор кард, ки мувофиқи он Португалия ҳуқуқи абадан ҳукмрони А. шуданро соҳиб мегашт. Соли 1928 ҳукумати Хитой оид ба бекор карда шудани ин протокол изҳорот қабул кард, аммо Португалия онро напазируфт. Ҳангоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ А.-ро Япония ишғол кард, вале баъди мағлуб шуданаш нимҷазираро ба Португалия баргардонд. Минбаъд А.-ро губернатори Португалия (бо Шӯрои қонунбарори худ) идора мекард. Баъди Инқилоби апрелии с. 1974 Ҳукумати Португалия қонун дар бораи эътирофи ҳуқуқу озодиҳо ва худмуайянкунии халқҳои мустамликаашро қабул кард. Баъди барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ байни ҶХХ ва Португалия (1979) оид ба мақоми Макао як қатор гуфтушунидҳо гузаронда шуданд. Мувофиқи изҳороти ҶХХ ва Португалия (13 апр. 1987) ҳудуди Макао (бо нигоҳдошти мустақилият) расман ба тобеияти Хитой гузашт ва ба муддати панҷоҳ сол (аз 20 дек. 1999) ноҳияи маъмурии махсуси ҶХХ таъйин шуд. А. маркази бузурги молиявӣ аст. Иқтисодаш бештар хусусияти содиротӣ дошта, таҷҳизоти радиоэлектронӣ, оптикӣ, маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чармгарӣ, хӯрокворӣ, бозичаҳо, гулҳои сунъӣ ва ғ. истеҳсол мекунад. Муассисаҳои илмӣ, инчунин Ин-ти маданияти Макао, Ин-ти шарқшиносии Португалия, музейҳо, театрҳо дорад. Калисои ҷомеи Павели Муқаддас (1602) рам-

зи шаҳр аст. А.-ро «хонаи бозиҳои қимории Осиё» меноманд. 48%-и даромади буҷети шаҳр аз ҳисоби ҳамин соҳа буда, он ҳар сол зиёда аз 10 млн сайёҳро ба худ ҷалб менамояд.

АО́РН (юн. қадим – Aornos), шаҳри қадимаи Бохтар. Тақр. дар ноҳ. Тошқӯрғони ҳозира, соҳили д. Хулм (Афғонистон) воқеъ буд. Дар сарчашмаҳое, ки дар бобати юришҳои Искандари Мақдунӣ ба Бохтар (329 то м.) сухан меравад, номбар шудааст. Дар шаҳристонаш ӯрдугоҳи Искандари Мақдунӣ воқеъ буд.

АО́РСҲО (юн. Aorsoi), иттифоқи қабилаҳои сармат. Дар бораи А. Страбон, Птоломей, Плиний, Тасит маълумот додаанд. Дар солномаҳои хитойӣ чун янсай маълуманд. Аввал дар шим. Баҳри Арал ё Хазар маскан доштаанд. Ибт. а. 2 то м. дар биёбони соҳили шим. Баҳри Хазар ва д. Дон, дар ҷануб то Кавказ паҳн шуданд. А. чорводорони бодиянишин ва ҷанговар буда, дар тиҷорати байни халққҳои Моварои Кавказ, давлати Босфор ва Осиёи Марказӣ, дар ҷангҳои дохилии Босфор иштироки фаъол доштанд. А. а. 2 м. ба иттифоқи қабилаҳои сармат, ки аланҳо сарвари онҳо буданд, дохил гаштанд. Қабристонҳои а-ҳои 4 – 2 то м-и биёбони Оренбург ва Поволжиеи Поёнро ба А. нисбат медиҳанд.

АОРТИ́Т, илтиҳоби девораи *шоҳраг*. А. шадид, зершадид ва музмин мешавад. А.-и шадид ҳангоми бемориҳои шадиди сироятӣ ё ягон осеб инкишоф меёбад. А.-и музмин дар заминаи А.-и шадид, бемориҳои сироятии музмин, хусусан сифилис ва тарбод сар мезанад. А. бештар оризаи *сифилис* аст. Ҳангоми А. асосан аортаи болорав осеб меёбад. Дар натиҷа дар бемор *аневризма* ё ногузароии рагҳои иклилӣ рух медиҳад. Дар натиҷаи фишор овардан ба узву бофтаҳои ҳамшафат ё бо хун пурра таъмин нашудани дил сандуқи сина ба дард медарояд. Барои пешгирии А. бемориҳоеро, ки сабаби пайдоиши он мешаванд, табобат кардан лозим аст.

АПАО́ША, дар асотири мардуми ориёинажод дев (офариниши бад), таҷассуми хушксолист. Мувофиқи устурае, ки дар «Тиштр-ашт»-и Авесто омадааст, А. ба сурати аспи сиёҳи беёлу мӯи рехта, харобу лоғар ва муҳиб мебошад ва бо эзиди борон – Тиштрйа се шабонарӯз ҷанг мекунад. Дар ин устура Тиштрйа – рақиби А. – аспи сафеди заринёл бо гӯшҳои зарину лигоми зарнишон аст. Набарди онҳо дар болои д. Воурукаша (васеъканор) сурат мегирад. Бори аввал дар ин ҷанг А. пирӯзӣ меёбад. Тиштрйа аз Аҳура Маздо ёрӣ меҷӯяд. Мардум низ қурбониҳо карда, ба Тиштрйа ёрӣ мерасонанд. Дар набарди дуюм Тиштрйа бар А. пирӯз мешавад ва ӯро аз д. Воурукаша ҳазор қадам дур меандозад ва бар рӯи замин борони файзбахш меборад.

Дар ин устура ҳодисаву воқеаҳои табиат – раъду барқ, боридани борон ба шакли рамзӣ тасвир шудаанд. А. рамзи хушкӣ, хушксолӣ ва гармои тобистон аст, ки то пойиз (тирамоҳ) давом мекунад. Дар тирамоҳ мавсими боронгарӣ сар мешавад ва хушкиву гармои тобистон барои мавҷудияти худ мубориза мебаранд. Дар тасаввури мардум торикӣ, тундбод, гулдуроси раъду барқ пеш аз сар шудани борон ҷангу задухӯрди эзиди борон – Тиштрйа ва А. буд. Устураи эзиди борон ва деви хушксолӣ – А. ба эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик таъсир расонда, баъзе унсурҳояш дар эҷодиёти халқ роҳ ёфтаанд. Ҳоло ҳам мардум қурбонӣ мекунанд ва аз Худованд боридани боронро дархост менамоянд. Маросими даъвати борон дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон *Ашаглон*, дар баъзе ноҳияҳо Сусхотун ном дорад. Ҳангоми иҷрои ин маросим сурудҳо мехонанд ва рақс мекунанд.

Ад.: Авесто, Д., 2001; Пури Довуд, Яштҳо, ч-ҳои 1 – 2, Т., 1348 х. ш. *М. Диловаров.*

АПАТИ́Т (юн. apátē – фиреб, аксар вақт ба ҷойи минерали дигар қабул мешуд), минералест аз гурӯҳи намакҳои фосфати калсий, ки дар таркибаш ҳамеша як миқдор фтор ва хлор низ дорад. Формулаи химиявиаш $3Ca_3(PO_4)_2 \cdot Ca(F,Cl)_2$. Системаи кристаллбандиаш гексагоналӣ; кристаллҳояш дарози призмашакл, баъзан бисёркунҷа. Рангаш сабзи кабудча, хокистарӣ, сиёҳтоб ва ғ. мешавад. Сахтиаш 5; зичиаш 3160 – 3200 кг/м^3. А. аз рӯи таркиби химиявӣ ба фторапатит, хлорапатит, гидроксилапатит ва ғ. тақсим мешавад. А. дар таркиби ҷинсҳои магмавӣ бештар буда, дар ҷинсҳои таҳшин асосан дар шакли фосфоритҳо вомехӯрад. А.-ро барои истеҳсоли нуриҳои фосфатдор, фосфордор ва пайвастҳои он, дар металлургияи сиёҳ ва ранга, кулолгарӣ ва истеҳсоли шиша истифода мекунанд. Дар ҷаҳон кони калонтарини А. дар Россия (нимҷазираи Кола) воқеъ аст. Захираи калони он дар конҳои маъдани оҳани Шветсия, Норвегия, Африкаи Марказӣ ва Шарқӣ ва Тоҷикистон низ мавҷуд аст.



Апатит аз нимҷазираи Кола.

А́ПЕКС (лот. арех – қулла, авҷ), дар астрономия нуқтаи сфераи осмонӣ, ки системаи Офтоб ё Замин ба сӯи он ҳаракат мекунад. А.-и ҳаракати солонаи Замин дар гирди Офтоб дар ҳамвории *эклиптика* хобида, нисбат ба самти Офтоб қариб амудӣ аст. А.-и ҳаракати асрии системаи Офтоб нисбат ба ситораҳои наздиктарин дар бурҷи Ҷосӣ (Геркулес) воқеъ аст. Нуқтаеро, ки мадори радифи маснӯи Замин аз ҳамворияи экватори Замин дар масофаи дуртарин воқеъ гардидааст (ба самти шимол), низ А. меноманд.

АПЕЛЛЕ́С, яке аз бузургтарин мусаввирони Юнони Қадим (нимаи дуюми а. 4 то м.). А. мусаввир ва портретнигори дарбори Искандари Мақдунӣ буд. Мувофиқи маълумоти муаррихони қадим А. ҳунарманди чирадаст буда, чандин портрети Искандарро кашидааст; дар як мусаввара Искандар савори аспе ва дар дигараш ҳамчун Зевс тасвир ёфтааст. Ӯ ҳамчунин портрети шоҳ Антигонаро низ кашидааст. Аз мусаввараҳои офаридаи ӯ портрети Афродита нодиру муассиртар буд; дар ин мусаввара Афродитаи аз баҳр бароянда тасвир ёфтааст, ки нисфи бадани даруни обаш нисбати шаффофии об намудор мегашт. Тарзу услуби тасвири А. воқеӣ буда, аз истеъдоди мусаввир шаҳодат медиҳанд.

Ад.: Боннар А., Греческая цивилизатция, т. 1, М., 1958; Дамашнев А., Дроздова Т., Из глубины веков, М., 1958. *Б. Раҳматов.*

АПЕЛЛЯ́ТСИЯ (лот. appelatio – мурочиат), *дар ҳуқуқ* шикоят, аризаи шикоят, мурочиат ба афкори умум. Яке аз намудҳои шикоят аз болои қарори ба қувваи қонун надаромадаи суд дар мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ. Суди болоӣ ба тариқи А. моҳияти қарори суди поёниро тафтиш карда, бори дуюм далелҳои исботкунандаи дар кор мавҷудбуда ва нав иловашударо санҷида, қарори судро тасдиқ мекунад ё онро бекор намуда, қарори нав мебарорад. А. аз *касатсия* бо он фарқ мекунад, ки суди

болоӣ ҳангоми кассатсия қарори нав бароварда наметавонад, балки корро барои аз нав дидан ба суди поёнӣ мефиристонад

АПЕННИ́Н, кӯҳҳои Апеннин (итал. Appennino; ба забони келтӣ pen – қулла), системаи кӯҳӣ дар нимҷазираи Апеннин, дар Италия. Аз шим. ғарбӣ ба ҷан. шарқӣ 1200 км тӯл кашидааст. Кӯҳҳои А. ҷавон буда, асосан дар давраи пайдоиши кӯҳҳои алпӣ ба вуҷуд омадаанд. Нуқтаи баландтаринаш кӯҳи Корно (2914 м). Фаъолнокии тектоникиаш боиси бавуҷудоии заминҷунбиҳо (с. 1980 дар Кампания, наздики 3 ҳазор қурбоншудагон) ва оташфишонии вулқонҳо (1944 – оташфишонии охирини вулқони Везувий) гардидааст. А. аз рӯи сохти геологӣ ва релйеф ба А.-ҳои Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ тақсим мешавад. А.-и Шимолӣ аз самти шим. ғарбии болооби д. Тибр (Апеннинҳои Лигурия ва Тосканаю Эмилия) шурӯъ шуда, асосан аз гил, рег, регсангҳои палеоген ва неоген иборат аст. Ҷариҳояш бисёр, лағжишҳо рӯй медиҳанд. Баландиаш 2165 м (кӯҳи Чимоне). А.-и Марказӣ, ки то водии д-ҳои Волтурно ва Сангро тӯл мекашанд (Апеннинҳои Умбраю Маркигиано ва Абрутсӣ) қисми аз ҳама паҳнотару баландтарин буда, асосан аз оҳаксангҳои палеоген ва неоген иборат аст. Дар ин ҷо хамиҳои байникӯҳӣ бисёранд ва дар ин хамиҳо шаҳрҳои хурд ҷой гирифтаанд. Доманаи ғарбиаш баъзан релйефи вулқонҳои қадимӣ дорад. Дар танӯраҳои вулқонҳои собиқ об пур шуда кӯлҳо ба вуҷуд омадаанд. Баландиаш 2478 м (кӯҳи Ветторе). А.-и Ҷанубӣ (Апеннинҳои Неаполитания, Лукка ва паҳнкӯҳи Молизе) ба шакли душоха буда, қисми ғарбиаш баландтар аст; аз оҳаксангҳо таркиб ёфта, қабатҳои карстиаш хеле бисёр аст; шарқиаш – пасттари паҳн, аз варақсанг, гил, регсангҳо иборат аст. Баландиаш 2271 м (кӯҳи Серра-Долчедорме). Дар ғарби А.-и Ҷанубӣ




Манзараи кӯҳистони Апенин.

минтақаи калони вулқонҳои қадим ва нав (Везувий, саҳрои Флегрей) воқеъ аст. Аз сарватҳои зеризаминӣ санги сохтмон (мармари Каррар), ангишти сиёҳтоб, симоб (Тоскана), варақсанги битумдор, боксит (Абрутсӣ), гази табиӣ ва нефт дорад. Иқлими А. кӯҳии баҳримиёназаминӣ. Ҳарор. миёнаи янв. дар Шим. қариб 0°С, дар Ҷ. то 11°С; июл аз 24 то 28°С. мерасад. Боришоти солона дар нишебиҳои ғарбӣ 1000 – 2000 мм (дар А.-и Лигурия зиёда аз 3000 мм), дар нишебиҳои шарқӣ ва хамиҳои байникӯҳӣ 600 – 800 мм. Аз А. д-ҳои Тибр, Арно, Селе, Волтурно ва ғ. ибтидо мегиранд. Кӯҳҳои А. дар Шим. (то баландии 300 – 500 м) ва Ҷ. (то баландии 600 – 800 м) боғу токзорҳо, плантатсияҳои зайтун, заминҳои корам, баъзан бешаю буттазори баҳримиёназаминӣ доранд. Дар баландии 900 – 2000 м бешаи омехта (дарахтони булут, санавбар, кастона) ва буттазорҳо воқеанд. Аз 2000 – 2500 м боло растаниҳои субалпӣ ва алпӣ мерӯянд. Асрҳо истифода бурдани бешаҳо, киштукор дар нишебиҳо ҷангалзорҳоро хароб ва олами ҳайвоноти А.-ро. ниҳоят камшумор кардааст. Танҳо обхокиҳо ва парандагон бисёр ба назар мерасанд.

АПЕННИ́Н, нимҷазира дар Европаи Ҷанубӣ, ки дар он қисми зиёди Италия ҷойгир аст. Масоҳ. 149 ҳазор км^2. Дарозиаш қариб 1100 км, бараш 130 – 300 км. Дар Шим. бо ҳамвории Падан ба охир мерасад. Аз Ғ. бо баҳрҳои Тиррен ва Лигурия, аз Ш. бо Баҳри Адриатика, аз Ҷ. бо Баҳри Ион иҳота гардидааст. Релйефаш асосан аз кӯҳҳои нисбатан баланди Апеннин, теппаҳои наздикӯҳӣ ва пуштакӯҳи вулқонӣ иборат аст. Ҳамвориҳо танҳо минтақаҳои хурди соҳилҳои баҳрро ишғол мекунанд. Қисми ҷанубу ғарбӣ минтақаи вулқонҳои нав (Везувий) мебошад. Дарёҳояш хурданд (Тибр, Арно ва ғ.), тобистон хеле камоб мешаванд. Иқлими А. субтропикии баҳримиёназаминӣ, бешаҳои ҳамешасабзу дуруштбарг (аз ҷумла санавбар, булут), чарогоҳҳои кӯҳӣ дорад. Аз ғалладонагиҳо бештар гандум, ҷуворимакка мекоранд, дар Ҷ. лимую афлесун мепарваранд. Дар ҳудуди А. ғайр аз Италия Ватикан ва Сан-Марино ҷойгиранд.

АПЕРТУ́РА (лот. aperture – равзан), равзани кории *системаи оптикӣ*, ки бо андозаҳои линзаҳо ё диафрагмаҳо муайян карда мешавад. А.-и кунҷӣ – кунҷи α байни шуоъҳои канории дастаи махрутии рӯшноии ба системаи оптикӣ воридшаванда.

А.-и аддадӣ – бузургии nsin α/2 (n – нишондиҳандаи шикасти муҳит).



Дараҷаи равшании тасвир ба квадрати А.-и ададӣ ва қобилияти тафриқаи асбобҳои оптикӣ ба А. мутаносибанд. Азбаски А.-и ададӣ ба n мутаносиб аст, ашёи муоинашавандаро аксар дар моеи нишондиҳандаи шикасташ калон ҷой медиҳанд.

А́ПИС, гови муқаддас дар парастиши динии мисриёни қадим. Дар дини онҳо парастиши ҳайвонот низ ҷой дошт. Масалан, гурба ва пайгу мавриди парастиш дар ҳама ҷо ва мору тимсоҳ дар баъзе мавзеъҳо буданд. Вале дар байни ҳайвоноти парастишшаванда дар Мисри Қадим гов муқаддастар буд. А.-ро ҳамеша чун рамзи нерӯи мардона ва маҳсулдориву серҳосилӣ меҳисобиданд. Маъбади асосии А. дар ш. Мемфис қарор дошт. *А. Комилӣ.*

АПЛИКА́ТА (юн. Applicata – иловашуда), яке аз координатаҳои декартии нуқта дар фазо; аксар бо ҳарфи z ишора карда мешавад.Ниг. *Системаи координатаҳои Декарт.*

АПЛИ́Т (юн. haploos – одӣ), ҷинси магмавии равшанранг. Сохташ донадор, асосан аз зарраҳои хурди кварс, шпатҳои даштии ишқорӣ, баъзан плагиоклазҳо иборат аст. Пайдоиши А. бо ҷинсҳои қаъри замин – гранит, диорит, сменит ва габбро алоқаманд буда, онро вобаста ба таркибаш гранит-аплит, диорит-аплит, сиенит-аплит ва ғ. меноманд. А. дар кулолгарӣ истифода мешавад.

А́ПО... (юн. аро – аз, бе), ҳиссачаи калимаҳои мураккаб, ки набудани ягон чиз (мас., *апомиксис*) ё аз ягон чиз пайдо шудан (мас., *апоферменти*)-ро ифода мекунад.

АПОГЕ́Й (юн. apogeios – дур аз Замин воқеъшуда), нуқтаи аз маркази Замин дуртарини мадори Моҳ ва ё радифи маснӯи Замин.

А́ПОЛЛИНЕР (Apollinaire) Гийом (26. 8. 1880, Рим – 9. 11. 1918, Париж), шоири франсавӣ. То 9-солагӣ дар Италия зиндагӣ кардааст. Соли

1889 оилаи А. ба Париж омад ва то охири умр он ҷо монд. Аввалин асаре, ки бо имзои «Аполлинер» нашр кардааст, ҳикояи «Ересиарх» (1902) мебошад. А. ва Пабло Пикассо (рассоми машҳури франсавӣ) ба ҷараёни кубизм дар санъат (1900) асос гузоштанд. Қиссаи (повести) «Қатли шоир» (1900), маҷм. шеърҳои «Алкол» (1913) аз навиштаҳои А. мебошанд. А. бо пйесаи «Пистонҳои Терез» ба ҷараёни *сюрреализм* дар назми ҷаҳонӣ поя гузошт. Аз офаридаҳои А. бармеояд, ки ӯ бо рубоиёти Умари Хайём, «Гулистон»-и Саъдӣ ошно будааст. А. аз мутолиаи «Гулистон» илҳом гирифта, шеъри «Ид»-ро навиштааст.

Ба забони тоҷикӣ аз осори А. шеърҳои «Исфаҳон», «Шаҳри Оркениз», «Расми ҷовидон» ва «Тирамоҳ» тарҷума шудаанд.

Ос.: Аполлинер, Стихи, М., 1967.

Ш. Мухтор.

АПОЛЛО́Н, дар асотири Юнон ва Рими Қадим яке аз худоён (писари Зевс ва Лето) аст, ки нишемангоҳашон кӯҳи Олимп буд; чун симои асотирӣ дорои хислатҳои неку бад мебошад. Зодгоҳаш ҷазираи Астерия. Дар хислату рафтори ӯ нишонаҳои эзидони Осиёи Хурд, даврaҳои пеш аз пайдоиши Юнони Қадим ба назар мерасад. Мувофиқи ривоятҳо А. ва Артемида дугониканд. Дар синни камолот А. мори Пифонро кушта, ҷазираи зодгоҳашро обод намуд. Ҳамроҳи хоҳараш Артемида дар набардҳо бар зидди душманон иштирок кард. Дар асотири Юнони Қадим тасаввурот дар бораи А. борҳо тағйир ва такмил ёфтааст. Ӯро эзиди рӯшноӣ ва Офтоб, ҳимоятгари мардум (аз бемориҳо) ва ғ. донистаанд. Асклепий – Худои пизишкӣ писари А. мебошад. Кори дигари неки А. ҳимояи кишоварзию чӯпонӣ ва нигаҳдории галаву рамаи чорпоён, раҳнамоӣ дар шаҳрсозӣ ва ғ. мебошад. А. Мойрагет – пешгӯикунандаи тақдиру қисмат буд; ояндаро пешгӯӣ мекард ва метавонист ба мардум низ ин амалро биомӯзонад. А. беш аз ҳама чун Эзиди санъат, суруду мусиқӣ маълуму машҳур аст. Вай дорои лақаби Музагет – сарвари музаҳо (ҳунарҳо) мебошад. Ғор – дарахти муқаддасест, ки бо номи А. марбут аст. Дар муҷассамаҳо ва осори санъати рассомӣ А. бо асбобҳои мусиқии лира, кифара ва ғ. тасвир ёфтааст. Дар болои бои Болшой Театри (Театри Калон) Россия (ш. Москва) муҷассамаи А. бо лира ва савори гардунаи чораспа сохта шудааст. Дар асоси сужети устураи А. осори муҷассамасозӣ, рассомӣ, мусиқӣ ва адабӣ офарида шудаанд. Бо баъзе хислатҳо – тирандози моҳир, Худои Офтоб ва рушноӣ, ҳимоятгари галаву рама буданаш А. бо эзиди асотири ориёнӣ Меҳр (Митра) айният дорад.



Ҳайкали нимтанаи Аполлон.

Ад.: Лосев А. Ф., Мифология греков и римлян, М., 1996.

М. Диловаров.

«АПОЛЛО́Н», номи киштиҳои кайҳонии ШМА барои парвози кайҳоннавардон ба Моҳ, инчунин барномаи парвози онҳо, ки ох. с. 1967 оғоз ёфтааст. Барои парвози «А.» мушаки барандаи «Сатурн-5» истифода шудааст. «А.»-ро ду киштии кайҳонии қӯша (ду модул) ташкил медиҳанд, ки бо мушаки баранда ба мадори атрофи Замин бароварда, баъд якҷоя сӯи Моҳ фиристода мешаванд. Дар яке аз ин киштиҳо, ки киштии мадорӣ ном дорад, 3 астронавт ҷой мегиранд ва ҳангоми ба мадори назди Моҳ расидан ду нафари онҳо дар киштии дуюм (киштии фурудоӣ) ба сатҳи Моҳ фуруд меоянд. Массаи умумии «А.» бо муҳаррику захираи сӯзишворӣ то 47 т («А.-17») мерасад. Бо ёрии «А.» инсон бори аввал ба сатҳи Моҳ 21 июли 1969 қадам ниҳодааст (Н. *Армстронг* ва Э. *Олдрин* дар «А.-11»). Баъди парвози «А.-17» (7 – 19 дек. 1972) барномаи «А.» анҷом ёфт.Ниг. «*Союз-Аполлон*».

АПОЛЛО́НИ ПЕРГӢ (Apollonios Pergaios) (а. 3 то м.), математики Юнони Қадим. Асари машҳури ӯ «Буришҳои махрутӣ» (бо забонҳои юнонӣ ва арабӣ) то даврaи мо расидааст. А. П. аввалин математикест, ки *эллипс*, *парабола* ва *гиперболаро* чун натиҷаи бо ҳамворӣ бурида шудани махрути (конуси) мудаввар муоина кардааст. Асарҳои ӯ дар инкишофи астрономия, механика ва оптика аҳамияти калон доштанд.

АПОМИ́КСИС (аз *апо...* ва юн. mixis – омехта шудан, тағйир ёфтан), ташаккули *ҷанин* бидуни бордор шудан; яке аз роҳҳои афзоиши ғайричинсии баъзе растанҳо ва ҳайвонот. Ҳангоми А. ҷанин на аз зигота, балки бевосита аз ҳуҷайратухми бордорнашуда (ниг. *Партеногенез*), ҳуҷайраи проталлий, ҷаниндон ва ё аз ҳуҷайраҳои тухммуғҷа инкишоф меёбад. А. чанд хел мешавад: мухтор (бидуни бордорӣ ба вуҷуд омадани ҷанин аз эндосперма); менторӣ (аз ҳуҷайратухми бебор инкишоф ёфтани ҷанин); индуктивӣ (зери таъсири ягон омил ба таври тағриба ба вуҷуд овардани А.). Дар шакли партеногенез А. дар кирмҳо, моҳӣ, ҳашарот, хазандаҳо ва хусусан дар растаниҳо маъмул аст. А. дар селексияи растанӣ, ҳангоми аз гаплоидҳои апомиксӣ рӯёндани тухмии дурагаи ҷуворимакка ва дигар зироат, ба даст овардани ғуҷуммеваҳои гомозиготӣ ва ғ. истифода мешавад. А. чандон хуб таҳқиқ нашудааст. Омӯзиши дақиқи А. аз ҷиҳати назариявӣ (дарки қонуниятҳои таҳаввулоту генетикӣ) ва амалӣ (ҳосил намудани гаплоидҳо) аҳамияти калон дорад.

АПО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Исмоили ноҳ. Бобоҷон Ғафуров. Аз деҳа то маркази ноҳия – шаҳри Ғафуров 76 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 678 нафар (2009), ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ. Заминҳо аз чоҳҳои артезианӣ обёрӣ мешаванд.

АПОНЕВРО́З (Aponeurosis), лавҳаи паҳни бофтаҳои пайвандӣ, ки аз нахҳои устувори коллагенӣ ва чандир таркиб ёфтааст. Ба воситаи ин гуна лавҳачаҳо мушакҳо ба устухон ё дигар бофтаҳои бадан пайваст мешаванд. Ниём (пардаи мушак)-и зери пӯсти кафи пой, кафи даст, қисми мӯйдори сарро низ А. меноманд. Ранги А. сафеди нуқрагун аст. Аз ҷиҳати сохтори гистологӣ А. ба *пай* монанд мебошад, вале рагҳои хун ва асаб надорад. Аз нигоҳи клиникӣ А.-ҳои деворaи пеши шикам, пасикамарӣ ва кафи дастҳо аҳамияти хеле калон доранд.

АПО́РИЯ (аз юн. aporia – душворӣ, таҳайюр), мафҳумест, ки дар фалсафаи антиқа ба масъалаҳои душвору ҳалнашаванда ишорат менамуд. Файласуфи Юнони Қадим Зенони Элейӣ

(а. 5 то м.) дар А.-ҳои худ душвориҳоеро баён мекард, ки дар сурати эҳтимолияти бисёрии ашё ва ҳаракати онҳо ба вуҷуд меоянд. Зенон дар А.-ҳои «Тири паррон», «Ахиллес ва сангпушт», «Дихотомия» (Дутақсимӣ), «Давра» дар бобати имконияти тасаввури ашё ҳамчун касратҳо сухан ба миён меорад. Аз ин рӯ, ба ӯ зиддиятнокии чунин тасаввуротро нисбат медиҳанд, ки ба равнақи диалектикаи антиқа мусоидат намуд. Вале аз зиддиятнокии ҳаракат хулосаи хато бароварда мешуд, ки гӯё ҳаракат вуҷуд надорад. Яъне аз рӯи таҷрибаи ҳиссӣ Ахилли тезгард ба сангпушт расида наметавонад, зеро дуюмӣ низ дар ҳаракат аст ва фосилаеро тай мекунад. Гегел ба ин хулоса розӣ нашуда, қайд мекунад, ки ҳама гуна ҳаракат зиддиятнок аст, чисми ҳаракаткунанда айни замон ҳамин ҷост ва ҳам нест. Ҳаракат моҳияти вақту фазо буда, ду мафҳум – беинтиҳоӣ ва фосиланокӣ онро ифода менамоянд. А. ҳамчун як навъ ифодаи манфии диалектикаи муносибати мутақобилаи олами воқеӣ ва инъикоси он дар тафаккур ба инкишофи минбаъдаи мантиқ ва назарияи дониш таъсири калон гузоштааст. Масъалаҳои марбут бо он дар алоқамандӣ бо дигар масоили мантиқ ва назарияи маърифат баррасӣ мегарданд. *С. Морочник.*

АПО́РТ, як навъ себи қадимии тирамоҳӣ. Меваш калон (аз 200 – 400 г то 1 кг), нордон, сурхи рахш. Навъи сармобардор ва серҳосил аст; ҳар бехаш то 200 – 400 кг самар медиҳад. А. дар тамоми мамлакатҳои боғдории чаҳон паҳн шудааст. Бештар хелҳои машҳури серҳосили А.-и сурхак, олмаатоӣ, кубанӣ парвариш карда мешаванд. Дар Тоҷикистон (водии Ҳисор ва ноҳ. Рашт) фақат А.-и олмаатоиро мепарваранд.

АПО́РТИ ОЛМААТОӢ, апорти александрӣ, апорти рахшин, навъе аз себҳои тирамоҳӣ. Дарахташ зудсабз, парешоншох, сернавдаву барг, 6 – 9 м қад мекашад. Меваш калон (вазнаш 200 – 400 г, дарозиаш 70 – 80 мм, бараш 90 – 100 мм), сабзи рахшон (ҳангоми пурра пухтан зарди равшан ва як тарафаш рахшон мешавад), пӯсташ тунук, холҳои сафед дорад; гӯшташ сафед, сероб, нордон ва хуштаъм. А. о. дар шароити иқлими Тоҷикистон апрел гул карда, меваш июл – авг. (дар водиҳо) ва сент. (ноҳияҳои кӯҳсор) мепазад. Онро ба ниҳоли себи аз тухм рӯида пайванд мекунанд. Бештар дар ноҳияҳои кӯҳсор (то баландии 1200 – 1400 м аз с. б.) мепарваранд. Ниҳолаш баъди 4 – 5 сол самар оварда, ҳосили фаровон медиҳад. Меваашро хушкондан, ба чойҳои дур кашондан ва нигоҳ доштан мумкин аст. А. о.-ро дар Тоҷикистон асосан дар ВМКБ ва ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Ҷиргатол мепарваранд. *С. Маҳмадаминов.*



Апорти Олмаатоӣ.

АПОСЕЛЕ́НИЙ (юн. apo – дур ва selene – Моҳ), нуқтаи аз маркази Моҳ дуртарини мадори радифи маснӯи Моҳ ва ё ягон ҷирми кайҳонӣ, ки ҳаракати он нисбат ба Моҳ муоина карда мешавад.

АПОСТО́ЛҲО (юн. apostolos, ибронии шалиах – фиристода), дар масеҳият 12 нафар наздиктарин шогирдони Исои Масеҳ, ки нахустин ҷамоати насрониро таъсис дода буданд. А. даъват шуда буданд, ки барои тамоми мардуми олам дар бораи Наҷотдиҳанда башорат ва оид ба корномаҳову мӯъҷизоташ (ҳар чӣ дидаанду шунидаанд) шаҳодат диҳанд. Дар Аҳди Ҷадид, Инҷил А.-ро бад-ин тартиб овардаанд: бародарон Петр ва Андрей, бародарон Иаков (аршад) ва Иоанн Богослов, Филипп, Варфоломей, Левий Матфей, Фома, Иаков Алфей, Фаддей, Симон, Зилот ва Иуда Искариот. Дар адабиёти масеҳии ибтидоӣ мубаллиғони масеҳият А. ёд шудаанд.


Ад.: Левинская И. А., Деяния апостолов, М., 1999. *Б. Раҳматов.*

АПО́СТРОФ (юн. apostrophos – ба як самт ё ба қафо нигаронидашуда), аломати вергулшаклест (’), ки дар болои сатр гузошта мешавад.


1. Дар баъзе забонҳои европоӣ ба ҷойи садоноки талаффузнашаванда ба кор мебаранд. Мас., дар забони англисӣ I’m ба ҷойи I am, don’t ба ҷойи do not; дар забони франсавӣ l’homme ба ҷойи le homme; дар забони италиявӣ dell’ arte ба ҷойи della arte ва ғ. Дар баъзе номҳои аз забонҳои европоӣ ба забони русӣ гузашта пас аз бандакҳо А. гузошта мешавад: Д’ Артанян, О’ Генри, О’ Брайен, О’ Конор, Жанна д’Арк ва ғ. Ин калимаҳо дар забони тоҷикӣ ба ҳамин тарз сабт мегарданд.

2. Дар овонавишти фонетикӣ дар забони русӣ А. барои ифодаи хосияти нармии талаффуз корбаст мешавад: [д’ен’] – день, [д’ад’ъ] – дядя. Дар забони тоҷикӣ ҳангоми сабти фонетикии нимовози калимаҳои лаҳҷавӣ А. ва ё аломати ъ-ро ба кор мебаранд: в’t – вът – буд; к’ҷо – къҷо – кучо? ва ғ. Дар имлои забони русӣ то ох. с-ҳои 20 а. 20 А. вазифаи ҷудосозандаи ҳиҷоҳоро иҷро мекард: с’езд, под’ём, под’езд, об’явление ва ғ. Соли 1928 ба аломати сакта (ъ) иваз шуд. Бо ҳамин вазифааш А. дар алифбои лотинии забони тоҷикӣ маъмул буд ва баъдан бо аломати сакта иваз гардид: ja’ne – яъне, Sa’di – Саъдӣ, ba’d – баъд ва ғ. *М. Диловаров.*

АПОФЕ́МА (юн. apotithemi – як тараф мегузорам), 1) дарозии амудиест, ки аз маркази бисёркунҷаи мунтазам ба тарафи дилхоҳи он фуроварда шудааст (*r* дар расми 1); 2) дар пирамидаи мунтазам – баландии рӯяи паҳлӯӣ (AF дар расми 2).



Расми 1.



Расми 2.

АППАЛА́ЧӢ (Appalachian Mountains), системаи кӯҳҳо дар Ш. Америкаи Шимолӣ, дар ҳудуди ШМА ва Канада. Аз самти ҷан. ғарбӣ ба шим. шарқӣ 2600 км (аз 49° то 33° а. ш.) тӯл кашидааст. Қ.-кӯҳҳои асосиаш: Кабуд, Сафед (Уайт Маунтинс), Сиёҳ (Блэк-Маунтинс), инчунин Адирондак, Нотр-Дам, Юнака ва паҳнкӯҳҳои Аппалачӣ. Баландии миёнаи қ.-кӯҳҳои А. 1300 – 1600 м (баландтаринаш қ.-и Митчелл – 2037 м). А. дар давраи палеозой шакл гирифта, дар давраи кайнозой таҳаввул кардааст. Қисми шимолиаш гирифтори яхбандӣ шуда, ҷанубиаш бо иқлими нарму намнокаш бетағйир мондааст, ки мӯҷиби боқӣ мондани бешазорони анбӯҳ (аз ҷиҳати намуди дарахтон ва ҳайвонот ғанӣ) гаштааст. А.-ро ба А.-и Шимолӣ (якҷоя бо кӯҳҳои Ниюфаундленд) ва А.-и Ҷанубӣ (пастиҳои


Манзараи кӯҳистони Аппалачи.

д-ҳои Гудзон ва Мохокро дар бар мегирад) ҷудо мекунанд. Самти ҷан. шарқӣ ва шим. аз ҷинсҳои кристаллии палеозой (гнейсҳо, варақсангҳои кристаллӣ, кварсит), ҷан. ғарбиаш аз оҳаксангу регсанг таркиб ёфтааст. Ғорҳо ва чуқуриҳои қифшакли карстӣ бисёр вомехӯранд (ғори Мамонт дар штати Кентуккӣ). Иқлими А. аз таъсири Уқёнуси Атлантик нарм аст, дар шим. – мӯътадил, дар ҷан. – субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи янв. аз – 12°С дар шим. то 8°С дар ҷан., июл – мувофиқан аз 18°С то 26°С аст. Боришоти солона 1000 – 1300 мм. Зимистони кӯҳҳо сард ва сербарф, тобистон – сернам ва сербориш. А.-ро бешаҳои паҳнбарг, омехта ва сӯзанбарг пӯшондаанд. Набототи табиию аслии А. танҳо дар нишебиҳои дастнораси кӯҳҳо маҳфуз мондаанд. Боқимонда макони бешаҳои навбунёд, чарогоҳҳо, заминҳои кишт (дар водиҳо) ва маҳалҳои истиқоматию шаҳрҳо мебошанд. Ба шарофати хуб ба роҳ монда шудани корҳои бешабарқароркунӣ А. минтақаи муҳими хоҷагии ҷангал ҳисоб меёбад. А. инчунин минтақаи туризм, лижаронӣ ва намудҳои обии варзиш аст. Паркҳои миллии Шенандоа, Грейт-Смоки – Маунтинс ва махсусан «пайроҳаи Аппалачи», ки қад-қади қуллаҳо аз кӯҳи Киттатинни то кӯҳи Спрингер ба масофаи 3400 км тӯл мекашад, ҷолиби диққати сайёҳон аст. Дарёҳои калонтаринаш: Коннектикут, Гудзон, Теннессӣ, Огайо, Мохок (бо водиҳои бузурги тектоникӣ). Сарватҳои зеризаминии А.: ангишт-санг, нефт, гази сӯзанда, маъдани оҳан, руҳ, нуқра ва ғ.

АППАРА́ТИ КИНОГИРӢ, к и н о а п п а р а т, к и н о к а м е р а, асбоби оптикию механикии банаворгирии (дар фосилаи якхелаи вақт) як қатор аксҳои пайдарпайи объекти аксбардорӣ (кинокадрҳо, одатан, 24 кадр дар як с), ки барои офаридани кинофилм истифода мешаванд. Навъҳои А. к. барои ба навори 70 мм бардоштани филмҳои васеъформат, ба навори 35 мм бардоштани филмҳои васеъэкран, ба навори 16 мм бардоштани филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳаваскорӣ ва ба навори 8 мм ва 2 × 8 мм аксбардорӣ намудани филмҳои таълимӣ ва ҳавасӣ таъйин шудааст. А. к. аз олоти суратгирие иборат аст, ки бо механизми автоматии лентакаш муҷаҳҳаз шудааст. Қисми оптикии А. к.-ро объектив (барои дар қабати рӯшноиҳассоси навор пайдо кардани тасвири объект) ва системаи визирӣ (барои мушоҳидаи объект ва ҷустуҷӯи мавқеи дурусти А. к. нисбат ба объект) ташкил медиҳад.

Қисми механикии А. к. аз механизми лентакаш (ҳаракати наворро аз кассетаи пур ба кассетаи холӣ таъмин менамояд) ва механизми ҳаракатовар, ки ҳаракати фосиланоки наворро таъмин мекунад, инчунин аз обтюратор иборат аст. Ҳар як А. к. бо олоти ёрирасон, аз ҷумла сарлӯлаи наворгирии филмҳои васеъэкран, филтрҳои рӯшноӣ, нишондиҳандаи метрии навор, тахометр ва ғ. муҷаҳҳаз мебошад. Аз рӯи таъйинот А. к. панҷ хел мешаванд: синхронӣ, ҳуҷҷатӣ, дастӣ, махсус ва ҳавасӣ. То пайдо шудани видеокамераҳо А. к. ягона воситае буд барои аксбардории филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ. Баробари ба вуҷуд омадани техникаи видеонаворгирии рақамӣ, ки махсус барои аксбардории касбии филмҳо пешбинӣ шудаанд, А. к. аз истифода мондааст.

АППАРА́ТИ КИНОПРОЕКСИОНӢ (аз *кино* ва лот. projectio – пеш партофтан), дастгоҳест барои ба экран проексия кардани кинофилмҳо. Қисмҳои асосии А. к.: механизми лентакаш (ҳаракати наворро таъмин мекунад); кассетаҳои лентадеҳ ва лентагир; системаи равшанкунию проексионӣ (барои равшан кардани экран ва проексия кардани тасвир дар он); олоти таҷдиди садо; системаи бо энергия таъмин ва идора кардани кори дастгоҳ. Дар А. к. навор бо ёрии механизми лентакаш бо фосила ҳаракат мекунад. Ҳангоми аз кадр ба кадр гузаштан роҳи сели рӯшноиро пешгираки махсус – обтюратор мепӯшад. Обтюратор бо механизми ҳаракати фосиланок ҷӯр шуда кор мекунад, ки дар натиҷа фосилаҳои бо басомади муайян ҳаракат кардани кадр барои тамошобин ноаён мемонад. А. к. собит ва сайёр мешавад. А. к.-и собит барои проексия кардани навори 35 мм (муқаррарӣ ва васеъэкран) ва 70 мм (васеъформат)-и сабт кардашуда таъйин шудааст. Баробари ривоҷ ёфтани технологияи коркарди қиёсӣ ва рақамии маълумот истифодаи А. к. торафт аз байн меравад.

АППАРА́ТИ ПАРӢШ, василаи парвози идорашаванда дар атмосфераи сайёра (Замин) ё фазои Кайҳон. А. п.-ро барои ҳамлу нақли одамон ва бор, корҳои кишоварзӣ, сохтмон, тадқиқоти илмӣ, корҳои ҳарбӣ ва ғ. истифода мебаранд. А. п. атмосферӣ ва кайҳонӣ мешавад. А. п.-и атмосферӣ дар навбати худ ду навъ мешавад: аппаратҳои вазнинтар аз ҳаво ва сабуктар аз ҳаво. Ба А. п. қувваҳои ҷозибаи сайёра ва дигар ҷирмҳои осмонӣ ва ҳангоми дар атмосфера парвоз кардан, инчунин қувваи муқовимати муҳит таъсир мекунанд. Таъсири ин қувваҳо бо қувваи болобардор ва қувваи кашиши А. п. бартараф карда мешавад. Қувваи болобардор ва қувваи кашиш инчунин барои идораи А. п., яъне барои тағйир додани бузургию самти суръат ва мавқеи А. п. дар фазо истифода мешавад. Қувваи болобардор дар асоси ғояҳои аэростатикӣ, аэродинамикӣ ва газодинамикӣ (реактивӣ) ба вуҷуд оварда мешавад. Қувваи кашиши А. п.-ро винти ҳавоӣ ё муҳаррики реактивӣ ба вуҷуд меоварад, винтро бошад муҳаррики поршенӣ ё газотурбинӣ чарх мезанонад.

Муҳаррикҳои реактивӣ ба муҳаррикҳои реактивии ҳавоӣ ва ракетавӣ ҷудо мешаванд. Мавриди ба воситаи винт ва муҳаррики реативии ҳавоӣ ба вуҷуд овардани қувваи кашиш ба сифати моддаи корӣ гази атмосфера (ҳаво) истифода мешавад. Моддаи кории муҳаррики ракетавиро дар худи А. п. ҷойгир мекунанд. Аз ин сабаб истифодаи муҳаррики ракетавӣ дар А. п.-и ҳам атмосферӣ ва ҳам кайҳонӣ имконпазир аст.

А. п.-и с а б у к т а р а з ҳ а в о (*аэростат*, *дирижабл* ва ғ.). Қувваи болобардори ин қабил аппаратҳо ба принсипи аэростатикӣ (ниг. *Ҳавопаймоӣ*) асос ёфтааст. Аэростат фақат қувваи болбардорро инкишоф дода метавонад; ҳаракати уфуқии вай танҳо бо таъсири шамол имконпазир аст. Аммо дирижабл винти ҳавоӣ дорад, ки қувваи кашишро инкишоф дода, ба ҳаракати пешравии он имкон медиҳад.

А. п.-и вазнинтар аз ҳаво (*самолёт, планёр, вертолёт*, винтбол ва ғ.). Қувваи болобардори ин қабил аппаратҳо ба ғояи аэродинамикӣ (дар мавридҳои алоҳида ба ғояи газодинамикӣ) асос ёфтааст. Навъи маъмултарини А. п.-и вазнинтар аз ҳаво самолёт мебошад. Қувваи болобардори

онро асосан қанот инкишоф медиҳад. Қувваи кашиши самолётҳо ба воситаи муҳаррикҳои поршенӣ, газотурбинӣ ё реактивии ҳавоӣ ба вуҷуд оварда шуда, дар вертолётҳо қувваи болобардор ва қувваи кашиш ба воситаи винти баранда инкишоф дода мешавад. Солҳои охир А. п.-и бо суръати гиперсадо (калон ё баробари 5М; М – адади Мах ё суръати садо; дар ҳаво баробари 340,3 м/с) парвозкунанда сохта шуда истодаанд, ки қувваи болобардори онҳоро асосан танаашон инкишоф медиҳад. А. п.-и гиперсадои Х-43 (ШМА) 16 ноябри 2004 бомуваффақият парвоз намуда, рекорди нави суръатро гузошт (11200 км/соат). Самолётҳое низ сохта шуданд, ки қувваи болобардорро бо истифодаи винти ҳавоӣ (самолётҳои винтӣ, конвертопланҳо, Bell V-22 Osprey), инчунин муҳаррикҳои реактивӣ инкишоф дода, амудӣ парвоз кардаю нишаста ва дар ҳаво муаллақ истода метавонанд (McDonnell Douglas AV-8 Harrier, Як-38, Як-141).

А. п.-и кайҳонӣ (*стансияи автоматии байнисайёравӣ, радифи маснӯи Замин, киштии кайҳонӣ* ва ғ.) аппаратҳое мебошанд, ки барои парвозҳои кайҳонӣ таъйин шудаанд. А. п.-и кайҳонӣ асосан аз чунин қисмҳои автономӣ: ракетаи стартӣ, киштии мадорӣ ё байнисайёравӣ ва аппарати фурудоӣ таркиб меёбад. Ракетаи стартӣ ба А. п. суръати мадорӣ мебахшад. Ракетаро бо тағйир додани бузургӣ ва самти қувваи кашиши муҳаррикҳои ракетавӣ, агар сайёра атмосфера дошта бошад, инчунин бо рулҳои (сукконҳои) аэродинамикӣ идора мекунанд. Киштии мадорӣ ё байнисайёравӣ бо муҳаррикҳои ракетавӣ идора карда мешавад. А. п.-и кайҳонӣ пеш аз фурудоӣ бо муҳаррики ракетавӣ тормоз дода мешавад. Агар сайёра беатмосфера бошад, муҳаррики А. п. то лаҳзаи нишаст истифода мешавад. Дар сайёраи атмосферадор барои суст кардани ҳаракати А. п. қувваи аэродинамикиро низ истифода мебаранд.

Дар муддати кӯтоҳи инкишофи техникаи кайҳонӣ аппаратҳои гуногуни париш: стансияҳои автоматии байнисайёравӣ, киштиҳои кайҳонӣ барои парвозҳои дуру наздик ва нишастани нарм ба сатҳи Моҳ ва Миррих, радифҳои маснӯи Замин ва ғ. сохта шуданд. Яке аз дастовардҳои калони илми муосир сохтмони А. п.-и кайҳонии ба монанди самолёт паридаю менишастагӣ ё худ «истифодаи чандинкарата» мебошад. Аз



Парвози аппарати кайҳонии «Буран» дар мадори Замин.

с. 1975 дар ШМА аз рӯи барномаи «Спейс шаттл» (аз англ. Space shuttle – «мокуи кайҳонӣ») А. п.-и истифодаи чандинкаратаи намудҳои «Атлантис», «Дискавери», «Индевор», «Колумбия» ва «Челленҷер» сохта шуданд. Онҳо барои баровардани борҳо ба мадори кайҳонии баландиаш 200 – 500 км бо мақсадҳои ҳарбӣ, гузарондани таҳқиқоти илмӣ, корҳои васлкунию таъмирӣ дар стансияҳои мадории кайҳонӣ ва ғ. истифода мешаванд. Соли 1990 А. п.-и «Дискавери» ба мадор телескопи Ҳаббло баровард, ки бо ёрии он таҳқиқоти нави илмӣ дар соҳаи астрономия ва омӯзиши Кайҳон гузаронда мешаванд. А. п. дар барномаҳои советию америкоии кайҳонии «Мир – Спейс шаттл» ва таъсиси Стансияи байналхалқии кайҳонӣ ҳиссаи арзанда гузоштанд. Чунин А. п. дар Иттифоқи Советӣ «Буран» буд, ки якумин ва охирин парвози худро 15 ноябри 1988 иҷро кард. Ин парвоз бе сарнишин буда, дар реҷаи автоматӣ бо истифодаи компютер ва барномаи татбиқии он амалӣ гашт. Ин воқеаи нодир ба китоби рекордҳои Гиннес ворид карда шудааст.Ниг. низ. *Авиатсия, Кайҳоннавардӣ*.

А. Ҳоҷиев, М. Холов.

АППАРА́ТИ ТЕЛЕФО́Н, таҷҳизот барои ирсол ва қабули садо дар масофа. А. т. таҷҳизотест, ки садоро ба масофаи дур интиқол медиҳад. Телефонҳои нахустин асбобҳои механикие буданд, ки дар асоси паҳншавии садо дар ҳаво ё дигар воситаи физикӣ сохта шудаанд. Кашфи ҷараёни электрикӣ ва пайдоиши телеграфи электрикӣ боиси ихтирои А. т. гардид. Соли 1854 инженер-механики франсавӣ Ш. Бурсел ғояи кори А. т.-ро тайёр карда, истилоҳи «телефон»-ро пешниҳод кард. Соли 1860 дар ШМА А. Меуччи асбоберо ихтироъ кард (телектрофон), ки садоро ба воситаи сим интиқол медод. Соли 1861 физик ва ихтироъкори немис И. Ф. Рейс асбоберо намоиш дод, ки навои мусиқӣ ва сухани одамро ба воситаи сим мефиристод ва онро «телефон» номид. Ин асбоб микрофон, манбаи ҷараён ва динамик дошт. Телефоне, ки барои он А. Белл 7 марти 1876 дар ШМА патент гирифт, «телеграфи гӯё» ном дошт. Ин асбоб 25 июни 1876 бори аввал дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии электротехникӣ (Филаделфия) намоиш дода шуд. Гӯшаки он бо навбат барои интиқол ва қабули садои одам хизмат мекард. Телефони Белл занг надошт ва баъдтар (1878) аз тарафи ҳамкори Белл – Т. Ватсон ихтироъ шуд. Абонент ба воситаи гӯшак бо садои ҳуштак даъват шуда, алоқа ба масофаи то 500 м ташкил карда мешуд. Соли 1877 ихтироъкор



Аппарати телефон.

Ваден барои даъвати абонент калиди телеграфиро истифода кард. Худи ҳамон сол дар з-ди «Сименс ва Галске» (Петербург) истеҳсоли А. т. бо ду гӯшак – якеаш барои қабул, дигараш борои интиқоли садо сар шуд. Соли 1878 электротехники рус П.М. Голубитский дар А. т. конденсатори электрикӣ ва магнитҳои доимиро истифода бурд. Соли 1878 ихтироъкор Томас Эдисон микрофони ангиштдорро ихтироъ кард, ки то с. 1980 дар истифода буд. Гуфтугӯи якуми телефонӣ байни ш-ҳои Нию-Ёрк ва Лондон 7 янв. 1927 баргузор гардид.

Дар натиҷаи тараққиёти илму техника дар А. т. микрофони электрикӣ, технологияҳои «садои баланд», фишурдани рақамии садо, IP-телефония, алоқаи шонӣ ва сабти садо ва видео ворид карда шуданд. Ҳоло ба воситаи А. т. хабарҳои кӯтоҳ (SMS) ва мултимедиявӣ (MMS) фиристодан, дар шабакаи Интернет кор кардан, барномаҳои радиоро гӯш кардан, мусиқӣ шунидан ва ғ. имконпазир аст.

М. Холов.



Телефони мобилии «Apple iPhone 4 16Gb».

АППАРАТИ ШИРДӮШӢ, ниг. *Ширдӯшак.*

АППАССИОНА́ТО (итал. appasionato – шавқ ҳаячон),1) истилоҳи А. барои ифодаи хусусияти асари мусиқӣ ё порчае аз он ҳангоми иҷро истифода мешавад; 2) азбаски А. ба хусусияти умумии асар мувофиқат мекунад, ҳамчун муайянкунандаи жанр ном бурда мешавад. Мас., «Allegro appassionato барои фортепиано № 4»-и А. Н. Скрябин, «Sonato барои фортепиано № 57»-и Л. Бетховен (ба ин асар худи композитор ном нагузоштааст), сонатаҳо барои фортепиано бо номи «appassionato»-и № 106 ва 111.

Ш. Ҳабибов.

АППЕ́НДИКС (аз лот. appendix – замима, зоид), кирмрӯда, изофаи кирмшакли *кӯррӯда*. Дарозии А.-и одам 1 – 28 см, кутраш 4 – 5 мм аст; дарозии А.-и навзодон 3 – 5 см, кӯдакони 10 – 12-сола 9,5 см мебошад. Баъзе одамон А. надоранд. Дар давраи пирсолӣ А. кӯтоҳ ва атрофия мешавад. Дар А. ҷой доштани паразитҳои гуногун (мас., Balantidium coli, Entamoeba histolytica) ва кирмҳо (киҷҷаҳо, аскаридаҳо ва ғ.) имконпазир аст. Илтиҳоби А.-ро *аппендитсит* меноманд.

АППЕНДИКУЛЯРҲО́ (Appendiculario), як синфи ҳайвоноти хордадор. А. ҷонварони хурд (то 1 см) буда, дар баҳрҳо ҳаёт мегузаронанд. Тани А. аз хорда, торҳои асаб ва ҳуҷайраҳои мушакӣ иборат аст. Дар ҳалқумаш як ҷуфт сӯрохии ғалсама дорад. А. ҷонварони бемақъад (клоака) мебошанд. Дар сатҳи бадани А. «ҳуҷраи» атоламонанд мавҷуд аст, ки ҷисми ҳайвонро пурра фаро мегирад. А. дум ҷунбонда, обро ба воситаи сӯрохии пеш, ки дорои полояк аст, ба даруни ҳуҷра тела медиҳанд. Микроорганизмҳое, ки аз полояк мегузаранд, барои А. ғизо мебошанд. А. ҳуҷраи кӯҳнаи ифлосро партофта, онро ба ҳуҷраи нав иваз мекунанд. А. асосан дар қабатҳои болоии ҳамаи баҳру уқёнусҳо маскун шудаанд. Бо роҳи ҷинсӣ афзоиш мекунанд. Бидуни метаморфоз инкишоф меёбанд.

АППЕНДИТСИ́Т, илтиҳоби кирмрӯда, газаки изофаи кирмшакл – *аппендикс*. Дар рӯдаи одам микроорганизмҳои гуногун мавҷуд бошанд ҳам, онҳо, одатан, бемориовар нестанд. Аммо дар баъзе мавридҳо хосияти иллатофарии онҳо зуҳур ёфта, боиси газаки рӯда мегардад. Мас., яке аз сабабҳои пайдоиши А. аз изофаи кирмшакл ба кӯррӯда бо душворӣ гузаштани муҳтавои рӯда аст. Ба А. одамони ҳамаи синнусол гирифтор мешаванд.

А. шадид ва музмин мешавад. Газаки шадиди изофаи кирмшакл аз пардаи дохили (луоб)-и он оғоз ёфта, баъд ба дарунтар паҳн мегардад, бофтаҳо, аз он ҷумла деворои кирмрӯда, пурра осеб меёбанд (А.-и флегмонӣ) ва фасод ба даруни шикам мегузарад (А.-и шикофанда). Ихтилоли гардиши хуни рагҳое, ки кирмрӯдаро бо хун таъмин мекунанд, боиси маҳви он шуда метавонад (А.-и окилавӣ). Дар натиҷаи шикоф шудан ва пӯсидан (гангрена)-и кирмрӯда газаки сифоқ (перитонит) ба вуҷуд меояд. Дар аснои А.-и шадид поёни шикам (бештар аз тарафи рост) ногаҳон ба дард медарояд. Аксар вақт ҷойҳои гуногуни бадан, аз ҷумла сари дил ва гирди ноф дард карда, танҳо баъд аз чанд соат ҷое, ки кӯррӯда воқеъ аст (тарафи рости поёни шикам), сахт дард мекунад. Дард тадриҷан меафзояд, дар вақти сулфидан ё вазъи баданро тағйир додан, хусусан ҳангоми ба паҳлуи чап хобидани бемор, пурзӯр мешавад. Кӯдакон ва одамони солхӯрда ҳангоми А. дардро камтар ҳис мекунанд. Хурӯҷи А. бештар дар беҳузур шудани дил ва қай зоҳир мегардад, қабзият ё исҳол (асосан дар тобистон) ба вуҷуд меояд. Одамони калонсол қадре таб мекунанд (37,5° – 38,5°С), таби кӯдакон бошад, нисбатан баланд аст. Ҳарорати баланди одамони солхӯрда ҳатто ҳангоми шаклҳои вазнини А. низ мӯътадил мешавад.

Дар кирмрӯдаи беморе, ки бо ягон сабаб ҷарроҳӣ карда нашудааст А.-и шадидро беозор аз сар гузарондааст, тағйирот боқӣ мемонад. Ин тағйирот метавонад боиси хурӯҷи такрорӣ ва нисбатан вазнинтар шавад. Шахсоне, ки ба А.-и такрорӣ гирифтор шудаанд, доимо зери хавфи сар задани хурӯҷи нав қарор доранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд дар саёҳати туристӣ ва экспидитсияҳои илмӣ дар маҳаллҳои каммаскун (дар ҷойҳое, ки ёрии ҷарроҳии таъҷилӣ душвор аст) ширкат наварзанд.

Сабаби асосии оқибатҳои нохуши А.-и шадид ба духтур дер мурочиат кардан аст, зеро одамон дарди шикам, беҳузур шудани дил ва қайро (хусусан агар ин аломатҳо дар кӯдак рӯй диҳанд) бисёр вақт аз «вайрон шудани меъда» медонанд. Ғайр аз ин, онҳо ба воситаи дорухои исҳоловар ё имола рӯдаро тоза карданӣ мешаванд, ки билкул норавост, зеро газак ба перитонити фарогиранда табдил меёбад. Бояд донист, ки дарди шадиди шикам бисёр вақт бо хурӯҷи А. вобаста аст. Бинобар ин ҳангоми дарди сахт бояд ҳатман духтурро даъват карда, то омадани ӯ беморро бистарӣ намудан лозим аст; ба рӯи шиками бемор зарферо бо ях ё оби хунук мегузоранд. Истеъмоли дорухои таскиндиҳандаи дард лозим нест, чунки кам шудани дард боиси ташхису табобати нодурусти беморӣ мегардад. Дар аснои А.-и музмин бемор аз қабзият, беҳузур шудани дил, муттасил ё гоҳ-гоҳ дард кардани атрофи кӯррӯда шикоят мекунад. Ин аломатҳои А.-и музмин буда, метавонад ҳар вақт ба А.-и шадид гузарад. *А. Н. Қаҳҳоров.*

АППЕРСЕ́ПСИЯ (лот. abperceptio – дарк кадан), вобастагии идрок ба таҷрибаи гузашта, мазмуни умумии фаъолияти рӯҳии инсон ва хусусиятҳои фардии ӯ. Шахс ҳодисаҳои олами берунаро аз рӯи синнусол, дониш, шавқу ҳавас, одат ва аҳволи ичтимоии худ дарк менамояд. Истилоҳи «А.»-ро бори аввал олими немис Г. Лейбнитс (1646 – 1716) ба илм дохил кардааст. Ба ақидаи ӯ А. мазмуни муайянро сареҳан дарк кардани рӯҳ аст. В. Вундт (ба туфайли ӯ А. дар психология васеъ татбиқ шудааст) дар А. се ҷанбаро муттаҳид намудааст: дарки ашё, ягонагии он ва ба таҷрибаи гузашта вобаста будани А. Ӯ кӯшиш кард, ки бо ёрии А. хусусияти интихобӣ доштани шуур ва рафторро шарҳ диҳад.

Психологияи илмии муосир А.-ро ҳамчун натиҷаи таҷрибаи ҳаётии шахс шарҳ медиҳад, ки пешбарии фарзияро оид ба хосиятҳои объекти даркшаванда ва дарки бошууронаи он таъмин мекунад. Далели бебаҳс аст, ки одамони гуногун (ва ҳатто як одам дар вақтҳои гуногун) метавонанд ин ё он ашёро ба тарзҳои гуногун ё, баръакс, ашёи гуногунро мисли ҳамон як ашё дарк намоянд. Ин чу-

нин маънӣ дорад, ки дарки ашё нусхабардории одӣ набуда, офаридани образ аст, ки зери таъсири захираҳои дониши шахс ва ғ. ба амал меояд. Вобаста ба ин А. доимӣ ва муваққатӣ мешавад. А.-и доимӣ ба ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, А.-и муваққатӣ ба ҳолати рӯҳии инсон вобаста аст. А. дар таълим аз барқарор намудани алоқаи байни донишҳои нав ва пешин иборат мебошад.

АППЛИКА́ТСИЯ (лот. applikatio – гузоштан), яке аз намудҳои гулдӯзӣ, усули сохтан ва часпондани нусхаи гул ё ягон нақш аз пораҳои коғаз, матоъҳои ранга ва дигар масолеҳ дар рӯи чизе; нақш ё сурате, ки бо ҳамин роҳ тайёр карда шудааст. А. яке аз шуғлҳои шавқовар ва ҷолиб мебошад. Ба он ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон машғул шуда метавонанд. Ин ҳунари дастӣ аз замонҳои қадим маълум аст. Одамони қадим кӯшиш мекарданд, ки ба воситаи А. ашёи рӯзгор ва либоси худро намуди зебо бахшанд. А. имрӯз ҳам яке аз ҳунарҳои маъмул мебошад. Барои А. картон, коғази ғафс, пораҳои матоъҳои гуногун (пахтагин, шоҳӣ, махмал, тасмаҳо), чарм, мӯина, мӯҳраҳои гуногунҳаҷму гуногунранг, чӯбчаҳои ранга ва ғ-ро ба кор мебаранд. А.-ро ба заминаи ашёи асосӣ медӯзанд ва ё ба воситаи ширеш мечаспонанд. А. аз рӯи шакл барҷаста ва ҳамвор, аз лиҳози ранг якранга ва бисёрранга, аз ҷиҳати мавзӯъ ашёӣ, ороишӣ ва сужетдор мешавад. А.- ро барои тармим (пӯшондани ҷойҳои фарсуда) ва ороиши либос истифода мебаранд. Ба ҷойҳои дарида ё фарсудашудаи либос аз пораҳои матоъ шаклҳои гуногун бурида медӯзанд ё бо ширеш мечаспонанд. А. бахусус дар либосҳои кӯдакона ҳамчун як чузъи ороиш васеъ истифода бурда мешавад. Дар либосҳои кӯдакона ба сифати А. акси ҳайвоноту парандаҳо, манзараҳо, одамон, махлуқҳои даҳшатангези афсонавӣ, ашё ва нақшунигори гуногун, гулҳои зебо, растаниҳо ва ғ-ро ба кор мебаранд.

Т. Ҷӯраев.

АППО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ошобаи ноҳ. Ашт. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Шайдон 29 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 5162 нафар (2009), асосан тоҷикон ва ӯзбекҳо. Деҳа 2 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 дорухона, 2 бунгоҳи тиббӣ, 3 китобхона, клуб, толори кинонамоишдиҳӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ, 2 маркази савдо, 5 нуқтаи савдои хусусӣ, ошхона ва чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо ба воситаи пойгоҳи обкаши «Чумчуқчар» аз д. Сир обёрӣ мешаванд.

АППРОКСИМА́ТСИЯ (лот. approximo – наздик мешавам), иваз кардани ягон объекти математикӣ бо объекти дигар, ки ба ин ё он маънӣ ба объекти аввал наздик аст. А. имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои ададӣ ва хосиятҳои объект бо роҳи иваз кардани он бо объекти содатар омӯхта шаванд. Аксар хатҳои качро бо хатҳои шикаста, ададҳои иррационалиро бо ададҳои ратсионалӣ, функсияҳоро бо бисёрузваҳо то саҳеҳии матлуб А. мекунанд. Мас., функсияи $f(x)$-и дар интервали (a,b) бефосиларо бо бисёрузваи алгебравӣ ё тригонометрии $P(x)$ то саҳеҳии муайян метавон А. кард. Нақши А. дар математикаи муосир торафт назаррас гардида истодааст. А. яке аз мафҳумҳои асосии математика ба ҳисоб меравад. Ниг. *Наздиккунӣ ва интерполятсияи функсияҳо*.

Дар амалиёти муҳандисӣ баъзан сатҳи мураккабро бо сатҳи сода ё қисмҳои он, сатҳи качро (махрут) бо сатҳи бисёррӯя (пирамида) иваз кардан лозим меояд. Дар ин маврид густараи сатҳи сода (бисёррӯя)-ро месозанд ва пас ин густара бо тамсилаи сатҳи мураккаб (кач) печонда мешавад, яъне сатҳи махрут бо секунҷаҳо иваз мегардад. Ин секунҷаҳоро дар нақша паҳлу ба паҳлу гузошта, густараи тақрибии сатҳи махрути моилро месозанд. Усули мазкурро, ки триангулятсия (тақсим ба секунҷаҳо) меноманд, дар бинокорӣ ҳангоми бомпӯшии гумбазӣ (курашакл) истифода мекунанд. Мас., аз чоркунҷаю секунҷаҳо ба воситаи А. сатҳи нимкураи боми Суди Олии ҶТ (дар ш. Душанбе) сохта шудааст.

Т. Ҷӯраев.

АПРОБА́ТСИЯ (аз лот. approbatio – тасдиқ, эътироф кардан, маъқул шуморидан), тадқиқи навъҳои зироати тухмӣ, дурага ва ниҳоли мева бо мақсади муайян намудани сифат ва қобили истифода будани ҳосили онҳо. А. дар саҳро пеш аз ғунучини ҳосил асосан аз рӯи аломатҳои морфологии растанӣ (хӯша, ҷорӯбак, ғилофак, тухм ва ғ.) гузаронда мешавад. Аломатҳои растанӣ дар рафти сабзиш аз таъсири хок, иқлим, агротехника ва ғ. тағйир меёбанд. Бинобар ин, ҳангоми А. маҷмӯи аломатҳоро ба назар мегиранд. Дар аснои А. осеби расондаи ҳашарот, касалӣ ва ғ. низ ба эътибор гирифта мешавад. Ҳамаи кишти навъҳои зироати тухмии хоҷагиҳо, муассисаҳои илмӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавии мактабҳои олӣ, хоҷагиҳои тухмипарвар ва ғ. А. карда мешаванд. А.-ро дар муассисаҳои тадқиқоти илмӣ комиссия дар ҳайати селексионер, агрономи шӯъбаи тухмипарварии ҳамон муассиса ва агрономи раёсати вилояти (ҷумҳурияви)-и кишоварзӣ, дар хоҷагиҳои парвариши тухмиҳои якқачин агрономи муассисаи селексионию таҷрибавӣ ва раёсати вилоятӣ (ҷумҳуриявӣ), дар хоҷагиҳои тухмипарварӣ яке аз мутахассисони ботаҷрибаи ноҳия (ҳамроҳи агрономи хоҷагӣ) ва дар дигар хоҷагиҳо агрономи ҳамон хоҷагӣ мегузаронанд.

Дар боғҳо А. бо мақсади интихоб кардан ва ба қайд гирифтани қитъа ё дарахтони алоҳида, барои тайёр кардани қаламчаҳои навъи олӣ ва солим, инчунин дар ниҳолистонҳо барои боэътимод ва хушсифат гардондани ниҳолҳо гузаронда мешавад. А.-ро, одатан, ҳамон вақт мегузаронанд, ки аломатҳои морфологӣ (барг, хӯша ва мева) баръало зоҳир гашта бошанд. Баъди санҷиш ҳуҷҷат тартиб дода, дар он масоҳати боғ ва адади дарахтони навъи асосӣ, ҳосилнокӣ, вазъи боғҳо, мавҷуд будан ё набудани касалиҳоро қайд мекунанд. Мувофиқи ҳуҷҷат ҳар қитъа ба яке аз гурӯҳҳои зерин дохил карда мешавад: боғҳои истеҳсолӣ, ниҳолҳои пайванддӯст, навъҳои ба шароити маҳал мутобиққарда. Боғҳои истеҳсолиеро, ки аз А. гузаштаанд, ба 3 гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1) боғҳои серҳосил, ки ниҳолҳои хуб дошта, аз касалиҳо эминанд ва тақр. 90 фоизи дарахтонашон аз навъи асосӣ иборат аст; 2) боғҳое, ки ҳосили баланд, ниҳолҳои солим дошта, аз касалиҳо эминанд ва тақр. 75 фоизи дарахтони онҳо аз навъи асосӣ иборат мебошад; 3) боғҳое, ки зиёда аз 25 фоизи ниҳолҳо аз навъҳои гуногун иборат буда, камҳосиланд ва нағз инкишоф наёфтаанд. Дар боғу токзори гурӯҳҳои 1 ва 2 дар зарфи 3 сол аз рӯи аломатҳои манфӣ саросар селексия мегузаронанд (гуногуннавъӣ, ниҳолҳои касал, беҳосил ва камҳосилро ба қайд мегиранд). Аз чунин ниҳолҳо тайёр кардани қаламча мумкин аст. Дар боғҳои гурӯҳи 3-юм аз рӯи аломатҳои мусбат корҳои селексионӣ гузаронда мешаванд (ниҳолҳои солим, нашъунамоёшон хуб ва серҳосили навъи асосиро ба қайд мегиранд). Ҳангоми А.-и ниҳолхона ниҳолҳоро саросар аз назар гузаронда, ба навъҳо ҷудо мекунанд. Ниҳолҳое, ки навъи онҳо аниқ муайян карда намешавад, ин-

чунин ниҳолҳои ба шароити маҳал мутобиқнашударо канда мепартоянд. Асосан чунин аломатҳои ниҳолҳо ба назар гирифта мешаванд: шакли ниҳол (навдаҳои рост ё парешон), нӯги навда, барг (нишонаҳои морфологӣ, ки ҳангоми тавсифи ботаникӣ истифода мешаванд), ранг ва ғ. А. роҳи босамари хушсифат гардондани зироати кишоварзӣ мебошад.

Ад.: Караджи Г. М., Руководство по апробации виноградных саженцев в школках, Киев, 1962; Пелях М. А., Справочник виноградаря, М., 1982; Ӯрунов Ф. Ӯ., Ниҳолпарварӣ, Д., 2007. *Ф. Ӯрунов.*

АПУЛЕ́Й (тав. 124, Мадавра, Африкаи Шимолӣ – ваф. 180, ҳамон ҷо), нависандаи Рими Қадим. Дар Карфагену Афина таҳсил ва муддате дар Рим зиндагонӣ кардааст. Пас аз бозгашт ба Ватан ҳамчун нотиқ шӯҳрат ёфтааст. А. бо забонҳои юнонӣ ва лотинӣ асарҳо менавишт. Аз А. то ба замони мо романи «Метаморфозаҳо дар XI китоб» (бо номи «Хари тиллоӣ» низ машҳур аст), «Апология ё Нутқ дар ҳимояи худ аз тӯҳмати ҷодугарон», «Флоридаҳо» – маҷмӯаи порчаҳои нутқ ва муншаоти пуртакаллуфаш омада расидааст. Дар романи «Хари тиллоӣ» тарзи маишат ва урфу одати музофоти Рими а. 2 инъикос ёфтааст. Дар китоб 11 новеллаи иловагие вуҷуд доранд, ки аз онҳо афсонаи Амур ва Психея хеле машҳур буда, чандин бор аз ҷониби шоирону нависандагони баъдинаи мамлакатҳои гуногун аз нав таҳрир шудааст. Аз сужетҳои романи А. Ҷ. Боккаччо, М. Сервантес, Г. Филдинг ва дигарон дар асарҳои худ истифода бурдаанд.

Ад.: Левинская О. Л., Античная история одного сюжета, М., 2008 .

АПШЕРО́Н, нимҷазира дар соҳили ғарбии Баҳри Каспий, дар ҳудуди Ҷумҳурии Озарбойҷон. 60 км ба дохили Баҳри Каспий тӯл кашидааст. Бараш то 30 км. Сатҳаш ҳамвори теппадор. Баландии теппаҳо 50 – 165 м. Интиҳои шарқии А. Забонаи Шоҳдилӣ ном дорад. Дар он вулқонҳои лойфишон (баландиаш то 310 м), кӯлҳои шӯр, чашмаҳои минералӣ мавҷуданд. А. бо конҳои нафту газ машҳур аст. Иқлими А. субтропикии хушк, зуд-зуд шамолҳои шадид меваванд. Биёбони нопойдор (эфемерӣ) мавҷуданд, ки дар баъзе қитъаҳояш регкӯчӣ рух медиҳад. Хокаш тираи дорчинранг. Набототаш нимбиёбонӣ; чимак, ҷорӯбак ва растаниҳои лӯбиёгӣ мерӯянд. Дар заминҳои обӣ токдорӣ ва зироаткорӣ ривоҷ ёфтааст. Дар соҳили ҷанубии



Апшерон. Масҷиди Туба-шоҳ бо қасраш (а.15).

А. ш. Боку ва дар соҳили шимолиаш курортҳои табобатӣ воқеанд.

АРА́Б, деҳа дар ҷамоати деҳоти Меҳвари ноҳ. Панҷ. Аз А. то маркази ноҳия 4 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 830 нафар (2009), тоҷикон. Бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаи ҳамсояи Бедак таҳсил мекунанд. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, боғдорӣ ва зироаткорӣ. Заминҳо аз канали Кулдимон обёрӣ мешаванд.

АРАБА́К, як навъи зеваротии ороиши занона, ҳалқаест, ки дар бинӣ меовезанд. А. м. аз филизот ва сангҳои қимату арзонбаҳо (садаф, ёқут, фирӯза ва ғ.) сохта мешавад. А. ҳамчун зевари занони Шарқ аз қадим маъмул буд. Ҳоло бештар лӯлиҳо, зангиҳо, ҳиндуҳо, паштунҳо истифода мебаранд. А. ду навъ аст: А.-и хурд (ба бинӣ мечаспад) ва А.-и нат (ҳалқамонанд буда, болои лаб овезон меистад). А.-и нат бештар дар ноҳияҳои Кӯлобу Зарафшон маъмул буд. А.-ро лати бинӣ ё холи бинӣ низ меноманд. Арабҳо А.-ро хазома мегӯянд. Нигини А.-ҳои одиро аз марҷон ва қиматро аз лаълу алмос месохтанд. Дар байни мардуми Осиёи Миёна А. аслан аз истифода баромадааст. Фақат онро дар баъзе маҳалҳо ҳангоми хурсандию маросимҳо меовезанд.

АРАБЕ́СК (итал. arabesco – арабӣ), яке аз тарзҳои исти асосии рақси классикӣ. Дар вақти иҷрои А. чисм ба пойи ростшуда такя мекунад, пойи дигар рост шуда, ба ақиб боло бардошта мешавад. Як даст ба пеш, дасти дигар ба тарафе ё ба ақиб дароз карда мешавад, тана ба пеш майл мекунад, тахтапушт фурӯ мехамад, дасту пойи дарозкарда мувозинати танаро нигоҳ медоранд. Дар балети муосир шаклҳои мухталифи А. вомехӯранд.

Ад.: Ваганова А., Основы классического балета, в. 4, Л. – М., 1963.

АРАБЕ́СКА, нақшунигори ғанӣ ва мураккаби ба печиши нозуки мавзӯъҳои (шаклҳо) геометряивӣ ва тақлидии набототӣ асосёфта, ки баъзан шомили навиштаҷоте мебошад. Дар санъати ҳайкалтарошии мамлакатҳои араб васеъ паҳн шудааст. Дар мусиқӣ пйесаи оҳангаш хеле шавқовар таҳияшударо А. меноманд.

АРАБЗОДА Нозирҷон (Қулматов Нозирҷон Арабович, 20. 12. 1940, шаҳраки Ашт – 5. 3. 2004, Душанбе), файласуф, доктори илми фалсафа (1997), проф. (2001). Соли 1962 фак-ти филологияи тоҷики УДТ (ҳоло ДМТ)-ро хатм карда, дар ҳамин ҷо фаъолияти илмию омӯзгориро идома дод. Аввал муаллим, сипас муаллими калон ва дотсенти кафедраи фалсафа буд. Аз с. 1995 дар дигар макотиби олии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ДСРТ низ аз фанни фалсафа дарс додааст. А. ба афкори фалсафии адибони классикии форсу-тоҷик таваҷҷӯҳ намуда, дар ин соҳа зиёда аз 150 таълифот дорад. Хусусан ба таҳқиқи масъалаҳои фалсафии таълимоти ахлоқии Саъдии Шерозӣ, ақидаҳои каломии Фахруддини Розӣ ва андешаҳои фалсафию динӣ ва сиёсии Носири Хусрав дақиқназарона барҳӯрд намудааст. Дар рисолаи доктории худ ва баъдан дар монографияҳои ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар бораи Носири Хусрав таълифкардааш фалсафаи Носири Хусрав ва мақоми он дар исмоилия, афкори адабӣ, ҷамъиятӣ ва динию фалсафии халқи тоҷикро амиқ таҳлил кардааст.




Ос:. Носири Хусрав: тадқиқи назариёти фалсафӣ, Д., 1984; Ақидаҳои ахлоқии Саъдӣ, Д., 1986; Фахруддини Розӣ, Д., 1993; Исмаилитская философия Насира Хусрава, Д., 1997; Ҳикмати амалии Саъдӣ, Д., 2002; Мир идей и размышлений Насира Хусрава, Д., 2003. *К. Олимов.*

АРАБИНО́ЗА, $C_5H_{10}O_5$, карбогидрати сода (моносахарид) аз гурӯҳи пентозаҳо. Кристаллҳои беранг буда, таъми ширин дорад; дар об ҳал мешавад. Дар ду шакли стереоизомерӣ (–А. ва +А.) мавҷуд аст. А. дар тарки-

би растаниҳо ба мушоҳида мерасад: (–) А. асосан дар меваҳо ва (+) А. дар таркиби полисахаридҳои растанигӣ, гликозидҳо, шилмҳо ва сапонинҳо. А. барои баъзе бактерияҳо манбаи асосии карбон мебошад.

АРАБИСТО́Н, нимҷазираи Арабистон. (Шибҳ-ал-ҷазира ал-Арабия), калонтарин нимҷазираи олам. А.-ро дар Ғ. Баҳри Сурх, дар Ҷ. халиҷи Адан ва Баҳри Араб, аз Ш. халиҷҳои Уммон ва Форс иҳота кардаанд. Масоҳ. 2,73 млн км^2. Хатти соҳилҳояш рост. Аз ҷиҳати релйеф, сохти геологӣ А. як қисми платформаи қадими Африкаю Арабистон мебошад. Дар охири палеоген ва давраи неоген хамии Баҳри Сурх онро аз Африка ҷудо кард. А. асосан аз варақсангҳои кристаллии архей ва аз ҷинсҳои хорой таркиб ёфтааст. Дар ноҳияҳои калони боқимонда ин ҷинсҳоро қабатҳои тунуки оҳаксанг ва регсанг пӯшондаанд. Тарқишҳои тектоникии ох. неогену авв. давраи чорумин, инчунин пайдо шудани вулқонҳои гунбазмонанд шакли релйефро тағйир додаанд. Дар нимҷаз. А. массиву паҳнкӯҳҳои баландиашон 1000 – 2000 м, дар Ҷ. кӯҳҳои канории Асир ва Яман (баландиаш 3600 м), дар Шим. пастиҳо (Ал-Ҳасо, баландиаш камтар аз 200 м), қад-қади соҳили Баҳри Сурх биёбони Тиҳама воқеанд. Қариб дар тамоми нимҷаз. А. биёбонҳои регзору санглох (Рубъул-Холӣ, Даҳна, Нифуди Калон ва ғ.) доман паҳн кардаанд. Зуд-зуд чангбод, регкӯчӣ рух медиҳад. Дар Ш.-и А. – соҳилҳои Халиҷи Форс калонтарин дар олам конҳои нефту газ мавҷуданд. Дар Баҳри Сурх моҳидорӣ ва шикори ҳайвоноти баҳрӣ ба роҳ монда шудааст. Иқлимаш тропикии хушк, дар Шим. – субтропикӣ. Ҳарор. янв. аз 7°С то 25°С, июл бештар аз 30°С, аз ҳама баландтараш 50° – 55°С. Боришоти солонаи минтақаи тропикӣ 100 мм. Водиҳои дарёҳои хушкида бисёр ба назар мерасанд. Дар қисми ҷан. ғарбии А. ба сабаби вазидани бодҳои мавсимӣ боришоти солона то ба 700 – 900 мм мерасад. Дар кӯҳсор оби равон, дар қисми марказии ноҳ. Ҳаҷд чашмаҳои карстӣ ва обҳои зеризаминӣ бисёранд. Дар баландии 1500 – 1800 м писта, дарахти зайтун, буттазори ҳамешасабз; дар воҳаҳо хурмо, қаҳва, дарахтони мевадор, гандум, ҷав, ҷуворимакка, арзан ва ғ. мерӯянд. Дар ҳудуди А. Арабистони Саудӣ, Яман, Уммон, Кувайт, Қатар, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, қисми Ироқ ва Урдун ҷойгиранд. Шаҳрҳои калонтаринаш: Ар-Риёз, Макка, Адан, Санъо, Абузабӣ.

АРАБИСТО́НИ САУДӢ, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (Ал-Мамлака ал-Арабия ас-Саудия), давлат дар қисми ҷан. ғарбии Осиё. Такр. 2/3 ҳиссаи нимҷаз. Арабистон ва чандин ҷаз-ҳои Баҳри Сурх ва Халиҷи Форсро дар бар мегирад. Дар Шим. бо Урдун, Ироқ, Кувайт, дар Ш. бо Қатар, дар Ҷ. Ш. бо Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва Уммон, дар Ҷ. бо Ҷумҳурии Яман ҳамсарҳад аст. Масоҳ. зиёда аз 2,15 млн км^2 (аз рӯи маълумоти СММ); аз рӯи дигар маълумот масоҳ. А. С. 1,6 млн то 2,4 млн км^2-ро (сарҳадҳояш дар Ҷ. ва Ҷ. Ш. биёбон аст ва дар он марзи муайян гузошта нашудааст (хати муайян надорад) ташкил медиҳад. Аҳолиаш 28 млн 687 ҳазор (2009). Пойтахташ Ар-Риёз. Ба 13 музофоти маъмурӣ тақсим шудааст. Шаҳрҳои калонтаринаш: Ҷидда, Мадина, Макка, Ад-Даммам, Бурайда, Ҳуфуф. Бандарҳои асосиаш: Ҷидда, Ҷизан, Янбу, Ал-Ҷубайл. Забони давлатӣ – арабӣ, пули миллӣ – риёли саудӣ; Ислом – дини ягонаи давлатӣ.



Парчам ва нишони Арабистони Саудӣ.

Сохтори давлатӣ. А. С. – монархияи мутлақи теократӣ. Саркори давлат шоҳ (ходими ҳарамайни Шариф), ки дар як вақт ҳам сарвазир, ҳам сарфармондеҳи қуввахои мусаллаҳ мебошад; вай ҳайати ҳукумати ичроия (монанд ба Шӯрои вазирон)-ро, ки аз сарвазир, ноиби аввали сарвазир ва 20 вазир иборат аст, аз ҷумлаи оли худ (фарзандони Оли Сауд) таъйин мекунад. Шохаи қонунгузории ҳукумат – Маҷлис-уш-Шӯро (раис бо 120 аъзо) ҳар чор сол ва сардорони музофотҳо – губернаторон низ аз ҷониби шоҳ таъйин мегарданд. Қуръон сарконуни (конститутсияи) давлат эълон гардида, аҳкоми шариат қонунҳои чорӣ мебошанд. Ба сохтори судӣ судҳои маҳаллӣ, судҳои олии шариатӣ ва судҳои аппелятсионӣ (шикоятӣ) дохиланд. Мурофиаҳои судӣ дар асо-



си ҳукмҳои Қуръон ва шариат гузаронда мешаванд. Шоҳ мақоми олии судӣ буда, ҳуқуқи афв танҳо ба ӯ дода шуд. Маҳкум ё танқид кардани сохти сиёсии давлат (шифоҳӣ ё хаттӣ) қонунан манъ аст. Дар А. С. ҷазои қатл роиҷ буда, ин ва ҷазоҳои дигар танҳо дар сурати пурра собит шудани гуноҳи айбдоршаванда ба амал бароварда мешаванд. Гирдиҳамоӣ ва намоишҳои эътирозӣ низ мамнӯъанд. Дар мамлакат ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надоранд. Соли 2005 аввалин бор интихоботи намояндагони мардумӣ доир гашт (21-сола ва аз он боло, занҳо ва ҳарбиён ҳуқуқи иштирок надоранд). Сиёсати беруна ва муносибатҳои байналхалқии А. С. ба нигоҳдошти нуфузи шоҳигарӣ дар байни давлатҳои дигар равона шуда, он ҳомӣ ва тарғибгари дини Ислом дар арсаи ҷаҳон аст. А. С. узви бонуфузи Лигаи Давлатҳои Араб, СММ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Созмони Конфронси Исломӣ, Ташкилоти мамлакатҳои содиркунандаи нефт – ОПЕК мебошад. Байни А. С. ва Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ 22 февр. 1992 барқарор гардида, 22 янв. 2010 Сафорати А. С. дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардид. Муносибатҳои иқтисодиро Созишномаи умумии ҳамкории байни ҳукуматҳои ду кишвар аз 21 майи 2003 ба танзим медарорад.

Табиат. А. С.-ро аз Ҷ. Ғ. Баҳри Сурх, аз Шим. Ш. Халиҷи Форс иҳота кардааст. Сатҳи кишвар асосан аз пуштакӯҳҳои регпӯш иборат буда, дар Ғ. баландии кӯҳҳо аз 2500 м зиёд шуда мераванд. Қисми зиёди мамлакат биёбони регзор: дар Шим. – Нефудаи Калон, дар Ш. – Нефудаи Хурд ва дар Ҷ. Ш. – Рубъ-ул-Холӣ (майдони умумии биёбонҳо наздики 1 млн км^2). Воҳаҳо низ ҳастанд. Дар атрофи Баҳри Сурх пастии Тиҳома, қадқади Халиҷи Форс пастии Ал-Хоса воқеъ гаштааст. Дарёҳои доимӣ нестанд. Сарвати муҳимтарини заминӣ – нефт; конҳои тилло, оҳан, мис, сурб, барит, намаксанг, гач, абрақ ва ғ. ҳастанд. Иқлими А. С. дар Шим. субтропикӣ, дар Ҷ. тропикӣ, дар қисми бештари мамлакат – континентӣ. Ҳарор. миёнаи июл дар ҳама ҷо, ғайр аз ноҳияҳои кӯҳӣ, аз 30°С зиёд, баъзан то 54°С мерасад. Ҳарор. миёнаи янв. дар Шим. мамлакат 10°С, дар Ҷ. то 48°С гарм, аммо дар Шим. баъзан то –11°С сард мешавад. Боришоти солона аз 100 мм зиёд нест. Набототаш хеле ноқис, биёбонӣ ва нимбиёбонӣ (явшон, нахӯдак ва



Маккаи Мукаррама.

ғ.). Дар воҳаҳо ақоқиё, нахли хурмо ва дигар дарахтони мева мерӯянд. Аз ширхорон оҳу, гӯрхар, шағол; рӯбоҳ, кафтор, гург, бузи кӯҳӣ; аз парандаҳо кабк, бедона, дуғдоғ, шутурмурғ, кабӯтар вомехӯранд. Хояндаю хазанда (сусмор) ва малаххои гуногун бисёранд.

Аҳолӣ. Саудиён 82%, яманиён ва арабҳои аз дигар кишварҳо омада – 13%, боқимонда – эронӣён, ҳабашҳо, ҳиндиён, покистониён, филиппинҳо ва ғ. буда, европоиён зиндагии алоҳидаи маҳдуд (дар доираи диаспораи худ) доранд. Зичии миёнаи аҳолӣ 9,7 нафар дар 1 км^2 (дар шаҳрҳо то 1000 нафар). То солҳои 60 а. 20 аҳолии асосии А. С. бодиянишинон буданд. Дар натиҷаи рушди иқтисод миқдори бодиянишинон то 5% расида, қариб ҳама шаҳрнишин шуданд. Аҳолии таҳҷоӣ бештар дар соҳили Баҳри Сурх ва Халиҷи Форс, дар паҳнкӯҳҳои Наҷд ва Ҳиҷоз, дар воҳаҳо зиндагӣ мекунад. Дар А. С. дини ягона – Ислом ҳукмрон буда (бо ҷараёнҳои ҳанбалия, ваҳҳобия, салафия), шиаҳо 10% мебошанд. Дар мамлакат ба ҷо овардани маросим ва расму ойини динии қавмҳои дигар, паҳн кардани адабиёт, сохтани ибодатгоҳҳои дигар динҳо манъ аст. Дар А. С. политсияи назорати динӣ – муттаво амал мекунад, ки вайронкунандагони тартиботи ҷоришударо ба ҷавобгарӣ мекашад. Барои ғайридин ворид шудан ба Макка ва Мадина низ манъ аст. Тарзи либоспӯшӣ низ таҳти назорат қарор гирифта, занҳои хориҷӣ бояд ҳатман ҳиҷоб – абайя пӯшанд. Истеъмоли машрубот ва гардиши маводи мухаддир сахт маҳкум мешавад (ҷазо – аз ҷарима то қатл).

Таърих. Дар А. С. аз даврахои қадим (ҳазорсолаи 2 то м.) қабилаҳои арабҳои бодиянишин зиндагӣ мекардаанд. Дар а. 7 дар қисми ғарбии он (дар Ҳиҷоз) дини ислом ва аввалин давлати мусулмонии теократӣ – Хилофати Араб ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои Макка ва Мадина зиёратгоҳи қудсӣ гардиданд. Дар а-ҳои 7 – 8 қисми зиёди ҳудуди ҳозираи А. С. ба Хилофати Умавиён, а-ҳои 8 – 9 ба Хилофати Аббосиён тобеъ буд. Дар а-ҳои 10 – 12 дар як қисми ҳудуди нимҷаз. Арабистон аморату салтанатҳои мустақил ташкил ёфтанд. Ҳиҷоз, ки вобастаи (вассали) Фотимиён ва баъд Айюбиён буд, аз миёнаи а. 13 то ибт. а. 16 тобеи Мамлукҳо шуд. Аҳамияти иқтисодӣ ва динию сиёсии Ҳиҷоз халифаҳоро водор мекард, ки онро таҳти тасарруфи худ нигоҳ доранд. Наҷд низ мухторияти хешро нигоҳ медошт. Аввали а. 16 Ҳиҷоз ба тасарруфи Империяи Усмония даромад. Дар Наҷд, ки чун аморати мустақил монда буд, дар а. 18 ҷараёни динию сиёсии ваҳҳобия ташаккул ёфт, ки то ибт. а. 19 дар зери парчами он ҳокими яке аз аморатҳои ин ҷо Муҳаммад ибни Сауд (1724/26 – 1765) тамоми Арабистонро дар давлати феодалии ваҳҳобияи Саудиҳо муттаҳид кард. Солҳои 1811 – 18 қисми зиёди нимҷаз. Арабистонро қӯшунҳои подшоҳи Миср Муҳаммад Алӣ забт карданд. Дар ин замон қисми ҷанубии ҳудуди ҳозираи А. С. – Асир, ки аз а. 16 дар

ҳайати Империяи Усмония буд, аз нимаи а. 19 нисбатан мустақил буд. Нимаи дуюми а. 19 давлати ваҳҳобиҳоро ҳокимони Шаммар (Арабистони Шимолӣ) – Рашидиён ба даст даровардand. Соли 1902 амир Ибни Сауд аморати ваҳҳобиҳоро дар Наҷд барпо намуд. Солҳои 1920 – 25 Ибни Сауд Шаммар, қисми Асир ва Ҳиҷозро ба Наҷд ҳамроҳ кард ва янв. 1926 худро шоҳи Ҳиҷоз ва султони Наҷд эълон намуд. Аввалин шуда ин давлати навро Иттифоқи Советӣ ба расмият шинохт. Аз с. 1932 давлат А. С. ном гирифт. Соли 1943 дар натиҷаи ҷанг бо Яман ба А. С. тамоми Асир ва қисми Наҷд ҳамроҳ гардид. Солҳои 30 а. 20 А. С., ки дар ҳудудаш конҳои калони нефт мавҷуд буданд, ба монополияҳои америкоӣ барои истихроҷ ва коркарди нефт иҷозат дод.

Истеҳсоли саноатии нефт аз с. 1938 сар шуд (аз ҷониби «Стандарт ойл компани оф Калифорния», баъдтар АРАМКО). Он қариб 90%-и нефти А. С.-ро ба дасти худ гирифт, истеҳсоли он бо суръат афзуд (с. 1938 – 67 ҳазор т ва с. 1976 – 428,7 млн т). Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ А. С. бо Германияи фашистӣ (1941) ва Италия (1942) робитаи дипломатиашро қатъ кард. Баъди ҷанг ва то с. 1972 истихроҷи нефти А. С. дар тасарруфи АРАМКО буд. ШМА дар Заҳрон базаи ҳарбии ҳавоии хешро барпо кард. Аз миёнаи с-ҳои 50 а. 20 дар А. С. ҳаракати зиддиимпериалистӣ авҷ гирифт. Нефтчиёни АРАМКО корпартоӣ карданд. Шоҳ Сауд, ки баъди марги Ибни Сауд сари ҳокимият омад (1953), барои бераҳмона пахш намудани ҳар гуна баромади зидди тартиботи подшоҳӣ қонун баровард. Зиддият дар тараққиёти иқтисодӣ, шиддати вазъи сиёсӣ буд, ки дар дохили сулола мубориза рафт (1958 – 62) ва 2 ноябри 1964 Сауд аз тахт афтид, ба ҷои ӯ Файсал ибни Абдулазиз ас-Сауд шоҳ эълон шуд. Ҳукумати Файсал ба аъёну ашрофи сармоядор такя карда, дар соҳаи иқтисодиёт ва маорифи халқ як қатор ислоҳот гузаронд. А. С. аз с. 1967 ба мамлакатҳои гирифтори таҷовузи Исроил – Миср, Сурия, Урдун ёрии молиявии бебозгашт мерасонд. А. С., ки сардори гурӯҳи мамлакатҳои истеҳсолкунанда ва содиркунандаи нефт буд, истеҳсоли нефт ва фурӯши онро ба мамлакатҳои ҳомии Исроил кам, ба ШМА ва Нидерланд муваққатан бас кард. 25 марти 1975 шоҳ Файсал кушта шуд. Ба ҷойи ӯ бародари хурдиаш Холид ибни Абдулазиз ас-Сауд шоҳи А. С. эълон шуд. Азбаски А. С. дар шароити сар бардоштани фундаментализми исломӣ дар кишвар (баъди Инқилоби исломии Эрон, 1978 – 79) ва бетартибиҳои шиаҳо дар музофоти шарқӣ – Ал-Хоса бетараф буда наметавонист. Шоҳзода Фаҳд авв. с. 1980 эълон кард, ки Шӯрои машваратӣ таъсис доданист (он танҳо с. 1993 амалӣ шуд). Авг. 1990, баъди муҳосираи Кувайт аз ҷониби Ироқ, Фаҳд ба мамлакат қӯшуни ШМА-ро ворид кард, то кишварро аз таҳдиди Ироқ эмин дорад. Ибт. с. 1991 ба қувваҳои дастҷамъонаи як қатор кишварҳо муяссар шуд, ки қӯшунҳои Ироқ аз Кувайт бароварда ва таҳдиди ҷанг ба А. С. бартараф карда шавад. Баъди Холид Фаҳд ба тахт нишаст ва с. 2005 ӯро Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд ҷойгузин шуд.

Иқтисодиёт. Асоси иқтисоди А. С. саноати нефту газ аст. Он 25%-и захираҳои нефти ҷаҳонро соҳиб аст ва дар рӯйхати давлатҳои содиркунандаи нефт ва маводи нефтӣ дар ҷойи аввал меистад. 75%-и буҷети мамлакат, 45%-и ММД ва 90%-и содироти А. С.-ро тиҷорати нефт ташкил медиҳад. Дар А. С. соҳаҳои гуногуни саноати нефту химия, металлургия, нассоҷӣ, хӯрокворӣ, истеҳсоли коғаз ва ғ. тараққӣ кардааст. Моҳидорӣ, ба даст овардани марворид ва марҷон, ҳунарҳои дастӣ низ дар ривоҷ аст. Дар соҳаи кишоварзӣ чорводорӣ, кишти ғалла ва ғалладонагиҳо, парвариши нахли хурмо, меваҳои гуногун назаррас аст. Бо вуҷуди норасоии об ва киштношоямии замин А. С. бо истифода аз технологияи пешқадам соҳаи кишоварзии хешро тараққӣ медиҳад. Ҳатто маҳсулоти ин соҳаро содир мекунад. Зиёда аз 200 обанбор барои обёрӣ ва таъмини соҳа омода ҳастанд. Ширинкунии оби баҳр (аз намак тоза кардани он) ба соҳаи таъмингари ниёзи дохилӣ табдил ёфтааст. Бештар нақлиёти автомобилӣ маъмул аст, роҳи оҳан, аэропорти бузурги байналхалқӣ ва якчанд фурудгоҳҳои музофотӣ дорад. Бандарҳои асосии баҳрӣ: дар Халиҷи Форс – Рас-Таннура, Даммом, Ал-Хубар, Мина-Сауд; дар Баҳри Сурх – Ҷидда (асосан хизматрасонӣ ба ҳоҷиён, расондани онҳо ба Макка ва Мадина – наздики 3 млн нафар дар як сол), Янбу ва Ҷизон. Асосан нефт, маводи нефтӣ ва гази моеъро содир, маҳсулоти мошинсозии вазнин, таҷҳизоти воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти коркарди металл, тамоку, матоъ, либос, маводи ғизоиро ворид мекунад. Шарикони асосии тиҷоратиаш: ШМА, Япония, Германия, Франсия, Италия, Нидерланд, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур. Даромад аз ҳаҷ қисми намоёни буҷети А. С. аст.

Маориф ва маданият. А. С. дар ибтидои давлатдории худ имконияти саводнок кардани аҳолиро надошт. Танҳо шайхони масҷидҳо ва муаллимони мактабҳо соҳибмаълумот буданду халос. Ҳадафи асосии таълим баровардани ҳату савод ва омӯхтани аҳкоми шариат буд. Соли 1926 доир ба таълими ҳатмии ибтидоӣ ва таъсиси мактабҳои ибтидоӣ (дар қатори мактабҳои хусусӣ) қонун қабул карда шуд. Соли 1960 дар бораи бо таълим фаро гирифтани духтарон, таъсиси омӯзишгоҳҳои педагогии занона, кушодани донишкадаҳои олии занона (1964) низ қонун қабул гардид. Таълим аз зинаи ибтидоӣ то мактаби олӣ ройгон аст (ҳатто ёрирасонии тиббӣ ба мактабиён ва донишҷӯён). Дар муассисаҳои таълимӣ духтарон аз писарон ҷудо таҳсил мекунанд. Мактабҳои ибтидоӣ, миёна, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, фелдшерию акушерӣ, мутахассисони хоҷагидорӣ, коллеҷҳои занона ва мардона фаъолият доранд. Вазорати маорифи А. С. с. 1954 аз ҷониби шоҳ Фаҳд таъсис ёфта, аввалин дар шоҳигарӣ Донишгоҳи ба номи Шоҳ Сауд с. 1957 дар Ар-Риёз ба кор даромад. Ҳоло шумораи мактабҳо ба 24000 ва донишгоҳҳо ба 8 адад расидаанд. Калонтарин донишгоҳҳо: Донишгоҳи Абдулазиз дар Ҷидда (1967), Донишгоҳи тадқиқи дини Ислом дар Мадина (1961), Донишкадаи олии технологӣ ва Донишкадаи техникӣ дар Ар-Риёз, Коллеҷи нефт дар Заҳрон, Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи миллӣ (таъсисаш 1968), китобхонаҳои Сауд, Маҳмудия китобхонаи Донишгоҳҳои Ар-Риёз, Мадина. Давлат таҳсили донишҷӯёнро дар хориҷи кишвар (асосан дар ШМА, Британияи Кабир, Канада, Австралия, Малайзия) аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ менамояд.

Матбуот, радио, телевизион. Нашрияҳои машҳури А. С.: «Ал-Билод» (аз 1934), «Ан-Надва» (аз 1958), «Ал-Мадинат-ул-мунаввара» (аз 1937), «Ар-Риёз» (аз 1964); бюллетени Вазорати ахборот «News from Saudi Arabia». Радиошунавонӣ аз с. 1948 сар шудааст. А. С. дорои радиостансияҳои давлатӣ ва хусусӣ (76) буда, шаҳрҳои калон ва ҳар музофот пойгоҳҳои телевизион ва радиои худро доранд. Хабарҳо ба забонҳои арабӣ, англисӣ,

урду, индонезӣ, форсӣ ва сухаилӣ шунавонида мешаванд. Телевизион аз с. 1965 амал мекунад, 3 шабакаи телевизионии давлатӣ ва 117 пойгоҳи дигар дорад. Барномаҳои телевизион ва радиошунавонӣ зери назорат (сензура) қарор доранд. Раёсати назорат ё дидбонии радио ва телевизион яке аз сохтори Вазорати фарҳанг ва иттилооти А. С. мебошад. Шабакаҳои телефонҳои мобилӣ аз с. 1981, Интернет аз ох. с. 1990 ба фаъолият сар кардаанд. Ҳукумат барои сензураи Интернет рамзҳои махсусро истифода мебарад. Дар А. С. фаъолияти театр ва кинотеатрҳо мамнӯъ аст. Аммо дар макони зисти (ҷудо аз ҷомеаи зисти саудиён) коргарони хориҷӣ ва обшинаҳо (мас., Заҳрон) ин гуна муассисаҳо ҳастанд. Видеои хонагӣ мамнӯъ нест.

Ад.: Прошин Н. И., Саудовская Аравия, М., 1964; Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат в раннем средневековье, М., 1965; Беляев И. П., Бодянский Л. В., Саудовская Аравия после Сауда, М., 1967; Луцкий В. Б., Новая история арабских стран, М., 1968; Страны мира (Современный справочник), М., 2008. *М. Воҳид.*

АРАБҚИШЛО́Қ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Хонободи ноҳ. Исфара. Аз А. то маркази ноҳия 6 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2343 нафар (2009) асосан ӯзбекон, тоҷикон ва арабҳо. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, чойхона, боғчаи кӯдакон, з-ди оҳакбарорӣ, нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Исфара обёрӣ мешаванд.

АРАБМУҲАММАД (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Хева (1602 – 23). Писари хурдии Ҳоҷӣ Муҳаммадхон. Дар аҳди салтанати А. ба Хева қалмоқу қазоқҳо якчанд бор ҳуҷуми бебарор карданд. Парокандагии феодалӣ авҷ гирифт. Мулки ҳар як шоҳзода дар асл мустақил буд. Соли 1623 барои ҳокимият байни А. ва писаронаш Элбарс ва Ҳабаш мубориза бархост. Дар ҷанг А. мағлуб гардид ва ба ҳабс гирифта шуд. Писаронаш чашмони А.-ро кӯр ва аз тахт бенасиб карданд.

А. Мухторов.

АРАБО́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саричашмаи ноҳ. Шӯрообод. Аз деҳа то маркази ноҳия 75 км, то маркази вилоят 200 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 981 нафар (2009), тоҷикон. Дорухона ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. А. мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаҳои Одинабой ва Мирзоалӣ таҳсил мекунанд. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, зироатпарварӣ ва чорводорӣ.

АРАБО́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Фархори ноҳ. Фархори вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 4 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 402 нафар (2010), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 3 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АРА́БОВ Маматқул Абдуқодирович (1. 1. 1921, Бухоро – 25. 12. 1999, Душанбе), кинооператор, сенарист ва режиссёри филмҳои мустанад, Арбоби шоистаи ҳунари Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1965). Хатмкардаи фак-ти операторӣ Ин-ти умумииттифоқии давлатии кинематография (ВГИК; 1943). А. аз Тоҷикистон ягона кинооператори фронтӣ мебошад, ки дар ҶБВ (1941 – 45) иштирок кардааст. Аз янв. 1944 то авг. 1945 оператори Студияи марказии филмҳои мустанад дар назди Ҷабҳаи 1-уми Украина буд ва лаҳзаҳои ҶБВ-ро ба навор гирифтааст. Сипас чанд муддат дар киностудияҳои Свердловск (1946 – 51), Тошкент (1952 – 53), «Тоҷикфилм» (1954 – 61), Студияи филмҳои мустанади Тошкент («Узкинохроника», 1962 – 72) ва аз с. 1972 то охири умр дар «Тоҷикфилм» кор кардааст. Сужетҳои ба навор гирифтаи А. дар киножурнали «Новости дня»-и Студияи марказии филмҳои мустанад (1944 – 45) ворид шудаанд. Филмҳои мустанаде, ки дар таҳияи онҳо А. чун кинооператор саҳм гирифтааст: «Дар Силезияи Боло» (1945), «Берлин» (1945), «Паради Ғалаба» (1945), «Рӯи кишвари пирӯзшуда» (1946); дар киностудияи Свердловск: киножурнали «Урали Советӣ» (1946 – 51), «Устоҳои чирадаст» (1948), «Зодагони машҳури Урал» (1949). Дар студияи филмҳои илмию оммавӣ ва мустанади Ӯзбекистон чун оператору реж. филмҳои «Тӯи тиллоӣ» (1962), «Теппаҳои сарсафеди Афросиёб» (1966) ,«Бухоро – Урал» (1963), «Оям сӯи ту, Бухоро» (1963), «Институти қарокӯлӣ» (1965), «Санҷиш» (1967), «Даҳаи Туркманистон» (1967), « Ситрусҳои Ӯзбекистон» (муаллифи филмнома, 1968), «Сухан оиди писар» (1968), «Репортаж аз Қаршӣ» (1968), «Рӯҳӣ Тошкент зинда аст» (1968), «Бахши асосӣ» (1970), «Қаротеппаи пурасрор» (1985) ва ғ-ро офаридааст; муаллифи филмҳои мустанади «Бохтари куҳан» (1985), «Таърихи аср» (1986), «Бовар кардан ё накардан» (1988). Даркиностудияи«Тоҷикфилм» киножурналҳои «Тоҷикистони Советӣ» (оператор, 1943, 1946, 1954 – 61), филмҳои мустанади «Бригадаи меҳнати коммунистӣ» (реж. ва оператор, 1956), «Арзон ва қулай» (1958), «Интернати Лучоб» (муаллифи филмнома, 1961), «Забони русӣ» (1961), «Абадзинда» (муаллиф ва реж., 1967), «Кашфи Устурушан» (муаллиф ва реж., 1989), «Чӣ ҳол дорӣ , ветеран» (реж., 1990), «Эфталитҳо, шумо кистед?» (муаллиф ва реж., 1994), «Хотираи қалб» (муаллиф ва реж., 1995), «Бобоҷон Ғафуров» (муаллиф ва реж., 1998), «Сомониён» (муаллиф ва реж., 1999)-ро офаридааст. А. с-ҳои 1985 ва 1992 дар ҳайати операторони фронтии СССР дар вохӯриҳои ҳамкасбон дар Полша ва ШМА иштирок кард. Дар қатори дигар ҳамкасбон паради Ғалабаро ба навор гирифт. Бо орденҳои Ҷанги Ватанӣ (дараҷаҳои I ва II), Шараф-и Тоҷикистон, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва Ӯзбекистон сарфароз гардидааст. Узви ИК. Тоҷикистон аз с. 1959.

Г. Элбаум.

АРАБОВ Файзулло Ҷӯрабоевич (1. 6. 1921, ш. Бухоро – 1992, Душанбе), яке аз аввалин наттоқони радио,



Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон (1971). Хатмкардаи техникуми савдои ш. Бухоро (1937). Соли 1938 ба пойтахти Тоҷикистон омад ва зиёда аз чил сол наттоқи радиои ҷумҳурӣ буд. Овози хушу гӯшнавоз, лаҳни фораму гуворо, талаффузи саҳеҳу бурро, тарзи баёни хубу дилкаш ба А. имкон доданд, ки дар муддати кӯтоҳ байни шунавандагон маҳбубият пайдо кунад. Сабку услуби хоси хониш дошт, барномаҳои мухталифмазмуну гуногунжанрро як хел қироат менамуд, бо суханронии фасеҳу балеғ, суфтаю пухта ва гарму самимӣ баҳри дили шунавандагонро мекушод, табиӣ ҳарф мезад. Устоди серталаб ва мураббии ғамхори наттоқони ҷавон буд.

Ё. Назармамадов.

АРАБХОНА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Истиқлоли ноҳ. Носири Хусрав. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Баҳор 23 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2235 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Деҳа 2 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АРАБХОНА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Носири Хусрави ноҳ. Қубодиён. Аз А. то маркази ноҳия шаҳраки Қубодиён 1,5 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 6394 нафар (2009), тоҷикон. Бунгоҳи тиббӣ, 2 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АРАБҲО́ (худашон ал-араб мегӯянд), гурӯҳи халқҳои қадимаи семӣ. Аҳолии асосии Алҷазоир, Баҳрайн, Миср, Ҷануби Саҳрои Кабир, Урдун, Ироқ, Яман, Қатар, Кувайт, Лубнон, Либия, Мавритания, Марокаш, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, Уммон, Фаластин, Арабистони Саудӣ, Сурия, Судон, Тунис (Ифриқия). Гурӯҳи алоҳидаи А. дар мамлакатҳои Осиё (Афғонистон, Изроил, Индонезия, Эрон, Туркия, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон), Европаи Ғарбӣ, Америкаи Шимолию Ҷанубӣ, Африка ва Австралия зиндагӣ доранд. Хаташон ба асоси *алифбои арабӣ* шакл гирифтааст. Шумораи умумии аҳолии А. дар ибт. а. 21 бештар аз 200 млн нафар буда (ба ҳисоби маъхазҳои дигар беш аз 300 млн), аз ин дар Осиё 70 млн нафар, Африка 125, 2 млн нафар, Ҷануби Европа 2,5 млн нафар ва Америкаи Шимолию Ҷанубӣ 1,2 млн нафар зиндагӣ мекунанд. Аксари эътиқодмандони мусулмон суннимазҳабанд. Ҳамчунин ҷамоатҳои насронӣ – қибтиён дар Миср, православҳо дар Лубнон, Сурия, Урдун сукунат доранд. Ҳоло эътиқодмандони дину ойинҳои қадимӣ низ мавҷуданд. Аҳдоди А. аҳолии нимҷазираи Арабистон будааст. Мутобиқи принсипҳои маданӣ-хоҷагидорӣ А. муқимӣ, ниммуқимӣ, кӯчманчӣ ва нимкӯчӣ мешаванд. Дар водиҳо кишоварзон – фаллоҳон ба киштукор машғуланд; ғалладонагиҳо, нахли хурмо, қаҳва ва дигар зироатҳои хӯрока мепарваранд. Аксари А. кӯчӣ (бадавиҳои шуткаш) ва нимкӯчманчиянд (шавиён – гӯсфандбонҳо). Дар миёнаҳои а. 20 иқтисодиёти бадавиён касод шуд ва бархе аз чорводорон ба саноат рӯ оварданд. Минбаъд дар аксари мамолики араб шаҳрсозӣ авҷ гирифта, истеҳсолоти саноатӣ рӯ ба тараққӣ мениҳад; истихроҷи нефту дигар канданиҳои фоиданок афзун мешавад. Моликияти оилавии хусусии бадавиён чорво, чарогоҳҳои ҷамоатӣ – қабилавӣ ва манбаъҳои оби ин минтақа аст. Асоси ташаккули авлодӣ – қабилавӣ гурӯҳи оилавӣ – хешутаборист, ки ба ҷамоати аз обои ягонаи падарӣ пайдошуда мансуб аст. Якчанд ҳамин навъи гурӯҳҳо қабилаеро бо сарварии шайх ташкил медиҳанд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунҳои муқаррарӣ ва шариат танзим мешаванд. Мутобиқи шариат мардон серзананд ва ин ҳолат маъмулан хоси оилаҳои сарватманд аст. Сарварии оила ба ӯҳдаи марди бузургсол ё соҳибэътибори хонадон вогузор аст. Бадавиҳо дар хаймаҳо зиндагӣ мекунанд ва хаймаи калонтарин моли шайхҳои ҷамоат аст, ки дар пешгоҳ ҷойгир мешавад. Хонаҳои деҳқонон – фаллоҳон чоркунҷаи синҷии сутундор буда, бомашон ҳамвор аст. Вобаста ба маҳал масолеҳи сохтмонӣ аз хишти хом, хишти пухта, похса ва санг иборат мебошад. Чунин хонаҳо ҳуҷраҳои пеш – барои мардҳо ва ҳуҷраҳои дарун барои занонро доранд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон А. дар якчанд деҳаи ноҳ. Шаҳритузи вил. Хатлон, ноҳ. Конибодоми вил. Суғд ва баъзе навоҳии дигар зиндагӣ доранд, ки аз зумраи қабилаи суриягӣ мебошанд. Онҳо забону урфу одати худро аз даст дода ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ такаллум мекунанд ва тарзи зиндагии комили тоҷикона доранд.

Ад.: Гуго Винклер, Карл Нибур, Генрих Шурц, История человечество, С.-Пб., 1909; Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат, М., 1966; Марков Г. Е., Кочевники Азии: структура хозяйства и общественные организации, М., 1976. *Б. Раҳматов.*

АРАБШИНОСӢ, илмест аз маҷмӯи улуми инсонӣ, ки омӯзиши ҳамаи паҳлуҳои зиндагии халқ ва кишварҳои арабро дар гузашта ва имрӯз, аз ҷумла таърих, забон, илм, фарҳанг адабиёт, иқтисод, ҷуғрофия, мардумшиносӣ, тамаддун, ҳуқуқ, фиқҳи исломӣ ва ғ-ро фаро мегирад. Истилоҳи А., илми А. дар ибт. а. 17 дар Европа пас аз нашри китоби олими ҳолландӣ Т. Эрпенипус оид ба сарфу наҳви забони арабӣ пайдо шудааст. Дар а-ҳои 17 – 18 маркази асосии он Рим, Париж, Лейден буданд. Европагихо на танҳо ба таъриху тамаддуни кишварҳои арабӣ, балки барои ривоҷу равнақи робитаҳои дипломатию тиҷоратӣ ва тавсеаи таблиғоти мазҳабӣ дар байни мардуми Шарқ таваҷҷӯҳ доштанд. Маълумоти парокандае, ки оид ба таърих ва ҷуғрофияи таърихии араб ҷамъоварӣ шуда буд, аз ҷониби шарқшиносони англис Э. Покок ва фарансавӣ Б д' Эрбело мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Дар ох. а. 18 арабшиноси олмонӣ И. Я. Рейске қатъан изҳор кард, ки А. набояд бо омӯзиши фиқҳу илоҳиёт маҳдуд бошад, балки доираи таҳқиқи он васеъ гардад, яъне таъриху тамаддуни кишварҳои араб чун ҷузъи ҷудонашавандаи таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ омӯхта шавад. Дар а. 19 – ибт. а. 20 арабшиносони Европа Силвестр де Саси, Ж. Бело (Франсия), К. Каспари (Норвегия), У. Райт, Э. Лейн (Англия), Г. Флейшер, Т. Нёлдеке, К. Брокелман, Т. Фрейтаг, Х. Вер (Германия), Я. Ҳолиус дар тадқиқи сарфу наҳв ва луғатшиносии арабӣ, И. Голдсиер (Венгрия), Р. Николсон (Англия), К. Брокелман (Германия) дар соҳаи адабиётшиносии арабӣ комёбиҳо ба даст оварданд. Дар а. 19 – ибт. а. 20 дар Европа омӯзиши сарчашмаҳои арабии дар китобхонаҳо маҳфузбуда авҷ гирифт; дар ин кор арабшиносон И. Я. Рейске, Ф. Вюстенфелд, Т. Нёлдеке (Германия), Р. Дози (Голландия), Марголиус (Англия). А. Шпренгер (Австрия) ва дигарон саҳм доштанд. Олимони номбурда ва баъзе арабшиносони дигар ба таҳлилу тадқиқи сарчашмаҳо, бозгӯи таърихномаҳову солномаҳои арабӣ машғул шудаанд. Аксар арабшиносони Европа исломро чун омили асосии тараққидиҳандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии арабҳо мешумурданд, аз ин рӯ ба омӯзиши масоили дин, давлат ва ҳуқуқ таваҷҷӯҳ доштанд. Дар А.-и замони навин олимон Ж. Сомаже, Леви – Провансал К. Каэн (Франсия), Д. Девнес, Б. Люис, Т. А. Гибб (Англия), А. Поляк, Д. Айалон (Исроил), К. А. Наллино, Э. Росси (Италия), Т. Кампфмейер (Германия), Ч. Адамс, Ҷ. Хейворт – Дэнн, Ш. Исавӣ, Ф. Хитти (ИМА) ва дигарон ба масоили инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои араб, тадқиқи паҳлуҳои гуногуни забон, адабиёт ва фарҳанги муосири араб таваҷҷӯҳ менамоянд. Аксар нуктаҳову масъалаҳои А. дар «Доират-ул-маорифи ислом» (Лейден, 1908 – 38, ба забонҳои англисӣ, франсавӣ, немисӣ, туркӣ нашр шудааст) матраҳ гардидаанд.

А. дар Россия бо нашри китоби сарфу наҳв ва матнҳои мунтахаби арабӣ, ки с. 1827 А. В. Болдирев омода карда буд, оғоз ёфт. Дар рушди А.-и рус саҳми В. Р. Розен бузург аст. Асосҳои А.-и русро В. В. Бартолд, А. Е. Кримский, И. Ю. Крачковский гузоштанд. Ба сабаби он ки доираи таҳқиқоти А.-и рус васеъ аст, он ба шохаҳои ҷудогона – омӯзиши забон ва адабиёт, таърих ва фарҳанг, иқтисодиёт ва сиёсат, масоили муосир, таърихи наву навтарини кишварҳои араб, ҳаракатҳои

мардумӣ ва иттиҳодияҳои сиёсию динӣ тақсим шуд. Ташаккули ҷомеаи феодалиро дар Арабистон, пайдоишу сайри таърихии ислом, таъриху фарҳанг ва тафаккури ҷамъиятии арабҳоро дар асрҳои миёна ва нав Е. А. Беляев, Н. В. Пигулевская, А. Ю. Якубовский, И. П. Петрушевский ва дигарон, раванди инкишофи сармоядориро дар муҳити мустамликадорӣ ва муборизаи миллии озодихоҳиро дар кишварҳои араб А. М. Шомӣ, Х. И. Килберг, А. М. Голдобин, Л. Н. Котлов, Т. И. Мирский, С. Р. Смирнов, Н. А. Иванов, Р. Г. Ланда, Н. С. Луская ва дигарон омӯхтаанд. Арабшиносони рус И. Ю. Крачковский, М. А. Салйе, А. П. Ковалевский, Т. А. Шумовский, П. Г. Булгаков, П. А. Грязневич, А. Б. Холидов ва дигарон ба тарҷума ва нашри осори хаттии асримиёнагии арабӣ, омӯзиши сиккаҳо ва сангнавиштҳои арабӣ (В. А. Крачковская), адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти қадим ва муосири араб (И. Ю. Крачковский, В. И. Беляев, И. М. Филштинский, Б. Я. Шидфар, А. Б. Куделин, К. В. Оде-Василйева, А. А. Долинина, Д. И. Юсулов ва диг.), забоншиносӣ, сарфу наҳви забони арабӣ, лаҳҷашиносӣ (А. А. Ковалев, Ю. И. Завадовский, Н. Б. Юшманов, Д. В. Семёнов ва дигарон), мураттабсозии луғатҳои арабӣ – русӣ, русӣ–арабӣ (Х. К. Баранов, Г. Ш. Шарбатов, В. М. Борисов ва дигарон), таърихи арабҳои Осиёи Марказӣ (Г. В. Серетели, И. Н. Винников) машғул шудаанд. Масъалаҳои А. дар собиқ ИҶШС ва ҳоло дар Россия дар Ин-ти шарқшиносии АИ Россия, Шӯъбаи санктпетербургии он, Ин-ти Африка, Ин-ти мардумшиносӣ ва фаласафаи АИ Россия таҳқиқ мешаванд. Марказхои А. дар Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ мавҷуданд.

Асарҳои олимон, адибон, таърихнигорон ва ҷомеашиносони араб низ барои пешрафти илми А. мусоидат намудаанд (Рашид ал-Барровӣ, Абдурраҳмон ар-Рофиъӣ, Муҳаммад Сабрӣ, Ҷавод Алӣ, Иброҳим Абду, Раиф Хурӣ, аш-Шофиӣ, Комил Айёд ва дигарон). Дар осори ин олимон ақоиди душманонаву ғаразноки баъзе муҳаққиқони Европа, Америка раду инкор гардида, арзишҳои миллии арабию исломӣ зери ҳимоят гирифта шудаанд.

Дар омӯзиши мероси пургановате, ки ба забони арабӣ офарида шудааст, намояндагони бисёр халқҳо, аз он ҷумла намояндагони илму адаби форс-тоҷик Ибни Муқаффаъ, Имом Бухорӣ, Абуҳайёни Тавҳидӣ, Абубакри Хоразмӣ, Абумусои Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абузайди Балхӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Насируддини Тусӣ саҳми арзанда доранд. Осори онҳоро арабшиносони дунё меомӯзанд. А. ҳамчунин мероси илмию фарҳангии халқҳои ғайриараб, аз ҷумла осори шоирону адибони форс-тоҷикро, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар Тоҷикистон нахустин марказҳои забон ва адабиёти араб ба ох. с-ҳои 50 а. 20 рост меояд. Соли 1958 Шӯъбаи шарқшиносии АИ ҶТ бо бахши А. ва кафедраи забонҳои Шарқи ДМТ таъсис ёфтанд, ки пурсамар фаъолият доранд. Дар с-ҳои Истиқлолияти давлатии ҶТ марказҳои дигари А. дар ДДХ ва Донишгохи исломии Тоҷикистон ба кор шурӯъ карданд. Арабшиносони тоҷик дар таҳқиқоти худ ба асарҳои классикони А. Х. Д. Френ, Н. А. Медников, В. Ф. Гиргас, В. Р. Розен, А. Е. Кримский, И. Ю. Крачковский ва дигарон такя мекунанд.

Дар барпо намудани илми А.-и муосири тоҷик донишмандон С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, В. П. Демидчик, Х. И. Наққош саҳми бузург доранд. Дар рисолаҳои илмии Т. Бердиева, Ф. А. Исаева, Х. К. Мӯъминов, С. Сулаймонӣ, А. Ҳоҷиев, К. Мусофиров, А. Имомов, Н. Ғиёсов, Ғ. Ҷӯраев ва дигарон масъалаҳои гуногуни забони арабӣ ва таълими он, таъсири забони арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ ва баръакс, лаҳҷашиносии тоҷикию арабӣ баррасӣ шудаанд. Аз дастовардҳои муҳимми А.-и тоҷик тарҷума ва нашри Қуръони карим, «Саҳиҳ»-и Имом ал-Бухорӣ, «Таърих» ва «Тафсир»-и Табарӣ мебошад, ки дар ин кор М. Умаров, Ф. Бобоев, С. Шаҳобуддинов иштирок кардаанд. Арабшиносони тоҷик эҷодиёти адибону шоирони асрҳои миёна ва муосири араб, эҷодиёти шифоҳии мардуми араб, драматургияи арабиро мавриди омӯзиш қарор додаанд (С. Шукроева, М. Ш. Ҳусейнзода, А. Юлдошев, У. Ғаффорова, Н. А. Қаҳҳорова, Ф. А. Деҳотӣ, С. Н. Ниёзов, К. Мусофиров, А. Имомов ва дигарон). Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои А.-и тоҷик омӯзиши робитаҳои адабии Арабу Аҷам дар замони гузашта ва ҳозира, тадқиқи мероси шоирон, адибон, муҳаққиқони эронинажод, ки ба арабӣ навиштаанд, мебошад (Т. Н. Мардонӣ, А. Абдусаттор, Н. Зоҳидов, У. Ғаффорова, Н. Ҳамробоев, Х. А. Мақсудов ва дигарон). Арабшиносони тоҷик С. Шаҳобуддинов, К. Бекзода А. Ҳоҷиев, Т. Мардонӣ, С. Сулаймонӣ, К. Аскардаев ва дигарон осори Абуалӣ ибни Сино, Абубакр ибни Закариёи Розӣ ва дигаронро тарҷума карда ба табъ расондаанд. Арабшиноси тоҷик Ғ. Ғоибов ба тадқиқи сарчашмаҳои таърихӣ, чуғрофӣ ва илмию адабии ба арабӣ нигошташуда машғул аст.

Ад: Крачковский И. Ю., Очерки по истории русской арабистики, дар кит. Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 5, М. – Л., 1958 Шарбатов Г. Ш., Арабистика в СССР, М., 1959; Мардони Т., Арабистика в Таджикистане (Советский период). Арабистика в Таджикистане (Период Независимости), дар кит. Мардони Т., Арабско-таджикские литературные связи. История и современность (Сборник статей), Д., 2006. *Т. Мардонӣ.*

АРА́В Иля Моисеевич (тав. 24. 7. 1909, ноҳ. Калинини вил. Херсон), зоотехник, доктори илмҳои биология (1967). Хатмкардаи фак-ти зоотехникии Донишкадаи кишоварзии Херсон (1932). То с. 1940 дар вазифаҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ фаъолият намудааст. Мудири шӯъбаи чорвои калони шохдори Пойгоҳи тачрибавии чорводории Тоҷикистон (1941 – 43), ходими калони илмии Ин-ти тадқиқоти илмии чорводории Тоҷикистон (1944 – 46), мудири лаборатория ва баъд мудири шӯъбаи физиологияи ҳайвоноти кишоварзии ҳамин институт (1948 – 76). Аз с. 1976 дар нафақа буд. Соли 1981 аз Тоҷикистон кӯч бастааст. Муаллифи зиёда аз 80 асару мақолаҳои илмӣ оид ба омилҳои физиологии сермаҳсул гардондани ғажғов (қутос), гӯсфандони помирӣ, дарвозӣ, қарокулӣ, ҳисорӣ, говҳои чойдорӣ, инчунин дар минтақаҳои баландкӯҳ парвариш кардани гӯсфандони маҳинпашм ва тавсифи морфологию физиологии зоти нави гӯсфандони тоҷикӣ. Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.

Ос.: Обмен веществ и дыхание у местных пород овец Таджикистана в условиях равнин и малых высот, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 3, Д., 1967; Обмен веществ у каракульских и курдючных овец на разных высотах, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 4, Д., 1972; Кровь и её дыхательная функция у овец в горах, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 5, Д., 1973; Физиологические основы отгонного содержания овец в горах Таджикистана, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 8, Д., 1976.

АРАГО́ (Arago) Доминико Франсуа Жан (26. 2. 1786, Эстажел – 2. 10. 1853, Париж), физик ва астрономи франсавӣ. Узви АИ Париж (1809), узви фахрии АИ Петербург (1829). Аз с. 1805 котиби Бюрои арзҳо дар Париж. Солҳои 1809 – 31 проф. Мактаб-


Арав Иля.


Араго Донимико.

би политехникии Париж, аз с. 1830 котиби доимии АИ ва саркори расадхонаи Париж, 1831 – 48 узви Палатаи вакилон буд. Баъд аз Инқилоби февр. 1848 дар Ҳукумати муваққатӣ мансаби вазири баҳрро ишғол намуд. Пас аз табаддулоти с. 1851 аз савганд ёд кардан ба Наполеони III сар кашид. Аз рӯи нишондоди ӯ У. Леверйе таҳлили математикии ҳаракати номунтазами сайёраи Уранро анҷом дод, ки боиси кашфи сайёраи Нептун гардид, И. Физо ва Л. Фуко суръати рӯшноиро ҳисоб карданд ва бори аввал сурати Офтобро гирифтанд. А. дар илм таъсири магнитноккунии ҷараёни электрикӣ ва магнетизми чархзаниро ошкор ва алоқаи фаҷри қутбиро бо тӯлҳои магнитӣ (талотуми магнитӣ) муқаррар кард. Якҷоя бо Ж. Б. Био рефраксияи ҳаво ва дигар газҳоро чен кард ва аввалин андозагирии саҳеҳи зичии газҳоро иҷро намуд. Соли 1811 қутбнокшавии рӯшноӣ ва кристаллҳои кварсӣ, полярископ, фотометр, сианометр ва як қатор асбобҳои дигарро, ки дар асоси ҳодисаҳои оптикӣ сохта шудаанд, ихтироъ намуд. А. назарияи *интерференсияи* рӯшноиро барои маънидод кардани тобиши ситораҳо истифода бурд. Дар соҳаи астрономия (ченкунии қутри сайёраҳо, омӯзиши хромосфера ва тоҷи Офтоб), оптика, электромагнетизм, метеорология, географияи физикавӣ ва таърихи илм низ тадқиқоти бисёр дорад; бо полярископи ихтироъкардааш поляризатсияи рӯшноиро тадқиқ кард; бори нахуст аз пӯлод магнити сунъӣ сохт.

Ос.: Араго Ф., Биографии знаменитых астрономов, физиков, геометров, М., 1960.

С. Содиқова.

АРАГО́Н (Aragon) Луи (3. 10. 1897, Париж – 1982, ҳамон ҷо), шоир, нависанда, мунаққиди адабӣ ва сиёсатмадори франсавӣ. Фаъолияти эҷодиаш аз с. 1917 оғоз ёфтааст. Дар оғоз ба ҷараёнҳои адабии дадаизм, сюррealизм ҳамроҳ буд. Солҳои 20 а. 20 дар эҷодиёти А. тасвири реалистӣ қувват гирифт. Солҳои 30 а. 20 А. ба СССР таваҷҷӯҳ намуд ва ин кишварро рамзи олами нав меҳисобид (достони «Фронти сурх», 1931; маҷм. ашъори «Ура, Урал!» 1934). Силсилаи романҳо бо номи «Олами воқеӣ» (1934 – 51) ва дигар роману достонҳои А. аз зиндагии синфи коргар, коммунистон ҳикоят мекунанд. А. ба адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик таваҷҷӯҳи бисёр дошт. Дар аввалин Даҳаи санъати тоҷик дар Москва (1941) иштирок кардааст. Вай яке аз тарғибгарони адабиёти тоҷик дар Франсия буд. Дар бобе аз асари худ «Адабиёти советӣ» (Париж, 1955) А. оид ба адабиёти тоҷик, эҷодиёти классикон, аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём ва дигарон, мулоқотҳояш бо А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, Ф. Ниёзӣ, Р. Ҷалил суханронӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ С. Айнӣ «бунёдгузори адабиёти реалистии тоҷик» буд. Баъди мутолиаи «Марги судхӯр» вай С. Айниро бо намояндагони бузурги адабиёти ҷаҳон – Шекспир, Гёте, Балзак дар як радиф гузоштааст. Шеърҳои А. «Қиссаи сурудхонии марде дар қатлгоҳ», «Далер», «Соли даъвати 1917» ва ғ. ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд. А. узви умумиҷаҳонии Комитети Сулҳ, дорандаи Мукофоти байналмилалии ленинии «Барои мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳо» (1957), доктори ифтихории донишгоҳҳои Париж ва Москва буд.

Ад.: Невская Б., Матбуоти Франсия дар бораи эҷодиёти С. Айнӣ, «Шарқи Сурх», 1959, № 7; Шокир Мухтор, Айнӣ дар ватани Балзак, «Садои Шарқ», № 12, 1976; Ситораҳои Бурҷи Эйфел (Баёзи назми Франсия), Д., 1982.

Ш. Мухтор.

АРАГОНИ́Т (аз номи вил. Арагони Испания), минерал, формулаи химиявиаш $CaCO_3$. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ, кристаллҳояш призмашакл ва сӯзаншакл. Агрегатҳояш аксар шӯшамонанд. Рангаш сафед, хокистарӣ, зардча, сабзи равшан ва бунафш. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 3,5 – 4; зичиаш 2900 – 3000 кг/м^3. А. минерали хоси минтақаи оксидшавии конҳои маъдан ва қабатҳои фарсудаи ҷинсҳои


Арагонити зард аз кони Чехия.

кӯҳӣ буда, дар таркиби таҳнишасти чашмаҳои гарми минералӣ ва ковокиҳои ҷинсҳои вулқонӣ ҳам вомехӯрад. Аз калсит бо системаи кристаллбандӣ ва зичиаш фарқ мекунад.

АРА́КС, дарё дар Туркия, Арманистон, Озарбойҷон, Эрон, шохоби рост ва калонтарини д. Кура. Дарозиаш 1072 км, масоҳ. ҳавзааш 100 ҳазор км^2. А. аз нишебии қ-кӯҳҳои Бингёл (дар Туркия) сар шуда, қадқади сарҳади давлатии Арманистон ва Озарбойҷон ҷорӣ аст. Болообаш водии тангу чуқур, ҷараёни миёнаш ҳамвории Арарат ва поёнобаш ҳамвориҳои Мил ва Муғонро бурида мегузарад. Манбаи А. бештар обҳои зеризаминӣ ва барф мебошад. Давраи пуробиаш март – июн. Дар мавсими боронгарӣ (ноябр, дек.) обхезӣ мешавад. Сарфи миёнаи об дар поёнобаш 205 м^3/с. Дар як сол 7,6 км^3 об ҷорӣ шуда, 16 млн т обоварди меорад. Шохобҳои калонаш: аз чап – Ахурян, Раздан, Арпа, Воротан (Баргушод); аз рост – Котур, Қаросу. Дар А. обанбор ва НБО ҳаст. Обаш асосан барои обёрӣ истифода мешавад.

АРА́Қ, моеи берангест, ки ғадуди аракӣ баъзе ширмакҳо ва одам ихроҷ мекунад. Ғадудҳои А. дар рӯй, кафи дасту по ва зери бағал ҷой гирифтаанд. А.-и одам аз 98 – 99% об, тақр. 0,1% карбамид, кислотаи пешоб, креатинин, серин, чарб, кислотаҳои чарб, холестерин, намакҳои металлҳои ишқорӣ – хлоридҳо (аз ҳама зиёд NaCl – қариб 0,3%), фосфатҳо, сулфатҳо ва оксикислотаҳои ароматӣ иборат аст. Ба ихроҷи А. ҳамеша тарашшуҳоти ғадуди равған низ ҳамроҳ мешавад. Таркиби А. аз вазъи организм, суръати ихроҷ ва миқдори моддаҳои гуногун дар хун вобастагӣ дорад. Реаксияи муҳити А. турш (pH 3,8 – 6,2) ё ишқорӣ (ҳангоми таҷзияи карбамид ва ҷудо шудани аммиак) мебошад. Организми одам дар як шаборӯз аз 0,5 то 10 л, гоҳо бештар аз он (дар вақти кори бошиддати мушакҳо, баланд будани ҳарорр. муҳити беруна, вобаста ба миқдори оби нӯшида) А. ҷудо мекунад. Ҳангоми ноҷӯриҳои организм дар таркиби А. глюкоза (диабети қанд), пигментҳои талха, систин (систинурия), баъзан эритроситҳо ба мушоҳида мерасанд. А. метавонад бӯйи нохуш дошта бошад (мас., А.-и пой), ки сабаби он мавҷудияти кислотаҳои зудбухори равған аст. Кислотаҳои мазкур дар натиҷаи таҷзияи бактериявии А. ҳосил мешаванд. Ҳангоми фаъолияти сахти мушакҳо, хусусан мусобиқаҳои вар-

зишӣ, дар таркиби А. миқдори кислотаи шир (то 500 мг%) ва моддаҳои нитрогендор (дар як шаборӯз то 1 г нитроген) меафзояд.

АРА́Қ, нӯшокии спиртдор; омехтаи спирт ва об. А.-ро аз ҷавдор, гандум ва ҷав мекашанд. Барои тайёр кардани А. омехтаи спирт ва об аз қабати ангишти фаъол гузаронда мешавад. А. метавонад 40, 50, 56 фоиз спирт дошта бошад. Ба А. қиёмҳои гуногунро низ ҳамроҳ менамоянд. Баъзе анвои А.-ро бо роҳи бугронии моеъҳои ширини туршшуда тайёр мекунанд, мас., аз шираи ангур майи ангур ва аз шираи олуболу майи олуболу ва ғ. Дар заводу корхонаҳои шаробкашии Тоҷикистон навъҳои гуногуни А., чунончи «Шоҳона», «Тоҷикистон», «Душанбе», «Фондарё», «Сим-сим», «Арақи суғдӣ», «Арақи Хайём», «Русская водка», «Белая берёза» ва ғ. истеҳсол карда мешаванд.Ниг. низ *Май, Майкашӣ, Алкоголизм.*

АРАҚА́, болори сербарест дар пештоқи бино. Устоҳо ин ҷузъи меъморию шоҳпул ҳам мегӯянд. Аксар вақт рӯи А.-ро кандакорӣ мекунанд ва ё ба нақшҳои гуногун ороиш медиҳанд. Устоҳои гулдаст баъзан байтҳои пурҳикмати шоиронро дар рӯи он сабт мекунанд. А. дар санъати меъмории шарқ бештар дар масҷиду мадрасаҳо, манзилгоҳҳо истифода мешуд. *Арақаи Айритом* яке аз намунаҳои хуби А.-и ниёгон аст. А.-ро дар меъмории ҳозиразамон низ истифода менамоянд.

АРАҚА́И АЙРИТО́М, Ҳайратон, арақаи сангинест, ки дар болои даромадгоҳи маъбади буддоии шаҳри қадимӣ а-ҳои 1 – 2 м. гузошта шуда буд. Ҳоло харобаи онро Айритом ё Ҳайратон меноманд, ки 18 км шарқтари ш. Тирмиз воқеъ аст. А. А.-ро с. 1933 сарҳадчиён тасодуфан дар соҳили д. Аму ёфтанд. Арақаи сангин тақр. 0,5 м баландӣ дорад; дар рӯи он ду қатор баргҳои калони кунгур ва дар байни қатори болоии баргҳо тасвири тосарисинагии панҷ нафар машшоқон ва ҳашт нафар назроварон канда шудаанд. Тасвири релефии ҷуссаҳо чунон барҷаста аст, ки он қариб ба мучассама шабоҳат дорад. Аксари персонажҳо аз ҷинси зан мебошанд. Машшоқон созҳои мусиқии уд, қӯшнай, санҷ, табл ва чилтор менавозанд. Назроварон дар даст мева, гулшадда ва зарфҳо доранд. Симои зоҳирии персонажҳои А. А. хеле ҷолиби диққат аст. Онҳо рӯи кулча, чашмони калони қадре бодомӣ, абрӯвони камоншакл, биниҳои росту кӯтоҳ, даҳони хурд, манаҳҳои сергӯшт доранд. Кулоҳҳои гуногуни қиматбаҳо, тавқи гардан, гӯшвораю шаддаи мӯҳраҳои мураккабшакл, либоси музайян бо ҷузвиёти майда хеле воқеӣ тасвир шудаанд. Созҳои мусиқии дар даст доштаи машшоқон барои омӯхтани санъати қадими мусиқии маҳал аҳамияти калон доранд. А. А. аз рӯи услуб ва амал мансуби санъати кушониён буда, ба ёдгориҳои а. 1 шим. Ҳиндустон хеле монанд аст ва намунаи олии саънати қадими мучассамасозии Осиёи Миёна мебошад. Олимон муайян кардаанд, ки мазмуни А. А. ба гуфтор дар бораи Фавти Кабири Буддои Гаутама «Паринирвана-ҷатака» вобаста аст; машшоқон панчамаҳашабдаи ба шакли инсонӣ даровардашудаанд, ки панҷ Садои кабири асотири ҳиндиро ифода мекунанд, назроварон дэ вапутра, яъне духтарони назровари осмонианд. Агар машшоқон бо гармонияи осмонӣ самъи Буддоро роҳат диҳанд, назроварон ба роҳи ӯ гул пошида муаттар мекунанд.

Ад.: Массон М. Е., Находка фрагмента скульптурного карниза первых веков н. э., Ташкент, 1933; ҳамон муалл., Скульптура Айртама, «Искусство», 1935, № 2; Пугаченкова Г. А., Искусство Бактрии эпохи кушан, М., 1979.

Ӯ. Пӯлодов

АРАҚБОДО́М, навъе аз бодомҳои маҳаллӣ. Баргаш нештаршакли нӯгтез, суфтаи ҷилодор, сабзи баланд. Гулаш калони панҷбарга, сафеди сурхтоб. Меваash майда (вазнаш 1,7 г), лӯнда, пӯсташ тунук ва сахт; мағзаш хурд (1,1 – 1,2 г), пурра, ширин ё андак талх. Дарахташ камҳосил, ниҳоли пайвандиаш баъди 3 – 4 соли шинондан самар меоварад. Давраи нашви А. 120 – 125 рӯз аст; авв. март гул карда, нимаи июл мағзаш мепазад. Аз дарахти 15 – 20-солааш 8 – 12 кг ҳосил меғундоранд. Мағзи А. хосияти хуби шифоӣ дошта, дар тибби халқӣ фаровон истифода мешавад. Ҳангоми табларза, шикамдард ва исҳол мағзи А.-ро кӯфта, бо орд атола мепазанд ва мехӯранд. Дар натиҷа бемор арақ карда, шифо меёбад. Марҳами мағзи А. давои хуби фасодрон буда, равғанаш ба дарди гӯш нофеъ аст. А. бештар дар ноҳ-ҳои Бобоҷон Ғафуров, Ғончӣ, Конибодом, Панҷакент ва баъзе ноҳ-ҳои водии Ҳисор парвариш карда мешавад. Дарахташ ба камобӣ тобовар буда, аз касалӣ ва ҳашарот зарар мебинад.

Ад.: Розанов Б. С. (ва диг.), Плодоводство Таджикистана, Д. 1970.

С. М. Гулов.

АРАҚЧӢ́Н, 1. Навъи сарпӯши сабуки гирдшакл, ки аз матои тунуки сафед медӯзанд. Сарпӯшро бештар аз таги дигар кулоҳҳо мепӯшанд. А.-ро мардҳо дар фасли гармо рӯзона аз таги телпаку салла ва шабона вақти хоб низ мепӯшанд. 2. Як навъи афзори аз матои тунук дӯхташуда, ки аз таги полони ҳайвонҳои саворӣ (асп, хар) партофта мешавад.

АРАҚЧӢ́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чорбоғи ноҳ. Варзоб. Аз А. то маркази ноҳия шаҳраки Варзоб 19 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1992 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, клуб ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.

АРА́Л, Баҳри Арал, баҳр (кӯл) дар маркази Евроосиё, дар Пастии





Арақаи Айритом.



Арал, августи 2010 (нигоҳ аз кайҳон).

Тӯрон (Қазоқистону Ӯзбекистон). То авв. с-ҳои 60 а. 20 аз рӯи масоҳ. сатҳи обаш (66 – 67 ҳазор км^2) чорумин кӯли бузурги олам ба шумор мерафт. Ба ҳамин андоза дар харитаҳои а. 20 тасвир шудааст. А. дорои 1068 км^3 оби намакнокии миёнааш 10 – 11% ва қариб 1000 ҷаз. буд. Амударё ва Сирдарё ҳар сол ба А. ба ҳисоби миёна 55 – 56 км^3 об медоданд ва якҷоя бо боришҳои атмосферӣ ва ҳамроҳшавии обҳои зеризаминӣ (ба миқдори кам) ҳаҷми А.-ро то 1000 км^3 (ҳавзааш 690 ҳазор км^2, чуқурии миёна 16 м, ҷойи чуқуртаринаш то 67 м) мерасонданд. Аз с. 1961 пастшавии босуръати сатҳи А. шурӯъ гардид ва дар натиҷа с. 1989 он ба ду ҳиссаи нобаробари қисми ҷанубиаш калон ба ном «баҳри калон» ва шимолиаш хурд (баҳри хурд) тақсим шуд. То с. 2002 сатҳи умумии А. 20 м пасттар фуромада, шӯрии обаш ба 63 – 67‰ расид, ки аз намакнокии миёнаи обҳои уқёнуси ҷаҳонӣ ду маротиба зиёд аст. Ҳудуди А. то 23 ҳазор км^2, ҳаҷмаш то 164 км^3 коҳиш ёфта, системаи экологиаш хароб гашт, аҳамияти хоҷагӣ (соле 60 ҳазор тонна моҳӣ медоштанд), нақлиётӣ ва мавзеи истироҳатӣ буданашро аз даст дод. Фалокати экологӣ ва офати гуманитариаш аз с-ҳои 50 а. 20 бар асари истифодаи аз ҳад зиёди оби д-ҳои Аму ва Сир барои обёрии замин ва ба дигар самтҳо гардондани маҷрои ин дарёҳо (аз ҷумла ба канали Қароқум ва зиёда аз 50 обанбор) ба вуҷуд омад. Соҳили шарқии хушкидаи А. (бараш 200 км) ба биёбони регу лойқа табдил ёфт. Дар ин ҷо бӯронҳои иборат аз гарди лойқаву намак ва моддаҳои химиявии захролуд ба вуҷуд меоянд ва дар самтҳои Ҷ. ва Ш. ба ҳудуди садҳо км паҳн мешаванд. Дар делтаҳои Амударё ва Сирдарё даҳҳо кӯл ва дарахтзорони назди соҳилҳо хушкида, олами ҳайвоноташ камбағал гардид. Оби поёноби ин ду дарё аз сабаби дар таркибаш зиёд будани пестисидҳо ва нуриҳо (обшустаи заминҳои кишт) барои нӯшидан ношоям ва барои саломатии аҳолӣ хатарнок шуд. Қазияи А. мисоли равшани зиддияти байни инсон ва табиат гардид. Барои пешгирии ин фалокат ва ҳамкории давлатҳои дахлдор дар ин самт зарурати дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил кардани мақоми махсуси танзимкунандаи масоили А. пеш омад. Роҳбарони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон с. 1993 *Хазинаи байналхалқии наҷоти Арал* (МФСА)-ро таъсис доданд, ки вазифаи асосии он ҷалби маблағи 5 давлати Осиёи Марказӣ ва дигар давлату ташкилотҳои донори хориҷӣ барои ҳалли масоили А., солимгардонии экологӣ, барқарор кардани тавозуни табиӣ ва таъмини инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаи назди А., истифодаи оқилонаи оби дарёҳо, беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолии ин ҷо, хизматрасонии тиббию санитарӣ, ташкили расондани оби дарёҳо ба А. ва ғ. мебошад.

Ҷониби Қазоқистон с-ҳои 2003 – 05 бо дастгирии Бонки умумиҷаҳонӣ дар мавзеи Кӯкарал дарғоти 17-километра (баландиаш 6 м, бараш 300 м) сохта вазъи А.-ро беҳтар кард: 870 км^2 бояд бо об пур шуда, тавозуни табиии минтақаи назди А. барқарор гардад. Дар А.-и хурд моҳипарварӣ роҳандозӣ шудааст.

Ад.: Новая Российская Энциклопедия, т. 2, М., 2005; МФСА: путь к региональному сотрудничеству, Д., 2003.

АРА́Л, деҳа дар ҷамоати деҳоти Арали ноҳ. Абдураҳмони Ҷомӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Куйбишев 8 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2766 нафар (2009), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо зиндагонӣ мекунанд. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, китобхона, клуб, нуқтаҳои хизмати маишӣ ва 10 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ, сабзавоткорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз канали Хоҷақалъа обёрӣ мешаванд.


АРА́Л, деҳа дар ҷамоати деҳоти Арали ноҳ. Восеъ. Аз А. то маркази ноҳия 7 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1846 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаб-парваришгоҳ, дорухона ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Сурхоб обёрӣ мешаванд.

АРАНЖИРО́ВКА (аз франс. arranger – ба тартиб овардан, ҷо ба ҷо кардан), 1) мувофиқ кунондани асарӣ мусиқӣ (нисбатан аз нусхаи асл) ба ин ё он дастаи иҷрокунандагон (мас., клавири опера, мувофиқ кунондани асари оркестрӣ ё ансамблию камеравӣ ба фортепиано, барои 2,4 ва 8 даст, ё ин ки оркестровкаи пйесаи фортепианӣ ва ғ.). Аз *транскрипсия* бо он фарқ мекунанд, ки А. одатан бо мутобиқати фактураи нусхаи асл бо имкониятҳои техникии кадом як сози ҳайати навозандагон ё овози ансамбли вокалӣ маҳдуд мешавад; 2) ба таври муъҷаз мувофиқ кунондани асари мусиқӣ барои як соз; 3) дар мусиқии ҷазӣ ҳар гуна тағйирот (гармонӣ, фактурӣ)-е, ки ҳангоми навозиш дохил карда мешавад ва он ба услуби *импровизатсияи* иҷро марбут аст. Ин тағйирот бештар дар ҷази муосир дар ҳайатҳои хурди навозандагон фаровон истифода мешавад.

АРАРА́Қ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Саталмуши ноҳ. Балҷувон. Аз А. то маркази ноҳия 13 км, то вилоят 133 км. Аҳолиаш 63 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АРАСТУ́, Аристотолис, Аристотель (384, Стагир – 322 то м., Халкидаи Эвбея), файласуф ва олими Юнони Қадим. Аз оилаи олим ва духтур Никомах. Соли 367 барои таҳсил дар Академияи Афлотун ба ш. Афина омада, 20 сол узви он буд, пас аз вафоти *Афлотун* аз узвияташ баромад. А. с. 343 бо пешниҳоди подшоҳ Филипп (Файлақус) ба Македония омада, ба тарбияи писари ӯ – Искандар машғул мешавад. Соли 335 ба Афина баргашта, мактаби худ – Ликейро ташкил мекунад. Дар ҳамин давра системаи фалсафии худро такмил дода, бӯҳрони ҷаҳонбиниро аз сар гузаронд ва аз афлотунчии мӯътақид ба мунаққиди назарияи ғояҳои ӯ расид ва то охири умр эмпиризми ботинию илмиро ташаккулу таҳаввул дод.

Таълифоти А. аз рӯи мазмун ба 7 гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) рисолаҳои мантиқӣ: «Категорияҳо», «Дар бораи таъбир», «Аналитикаи якум ва дуюм», «Топика»; 2) рисолаҳои физикавӣ: «Физика», «Дар бораи пайдоиш ва одам», «Дар бораи осмон», «Дар бораи масъалаҳои метеорологӣ»; 3) рисолаҳои биологӣ: «Дар бораи нафс», «Таърихи ҳайвонот», «Дар бораи ҷузъиёти ҳайвонот», «Дар бораи пайдоиши ҳайвонот», «Дар бораи ҳаракати ҳайвонот»; 4) рисола



Ҳайкали нимтанаи Арасту.

оид ба «фалсафаи уло»: «Метафизика»; 5) асарҳои ахлоқӣ: «Ахлоқи Никомах», «Ахлоқи эвдем»; 6) асарҳои сиёси-иҷтимоӣ ва таърихӣ: «Сиёсат», «Полития»; 7) асарҳо оид ба санъат, назм ва илми баён: «Риторика», «Поэтика».

Фаъолияти илмии А. доманадор аст. Ӯ дар ташаккули фалсафа ва мантиқ, ахлоқ (этика), таърих ва табиатшиносӣ, адабиёт ва сиёсат ҳиссаи бузург гузоштааст. Хоса дар таърихи минбаъдаи илми фалсафа таъсири осораш дар Ғарб ва Шарқ хеле калон мебошад. Кулли осори то замони мо расидаи А.-ро ба қисмати илмҳои назариявӣ, амалӣ ва эҷодӣ ҷудо намудан мумкин аст. Илмҳои назариявӣ – «физика», «метафизика» (мобаъдуттабиа), «фалсафаи уло», илмҳои амалӣ – ахлоқ, иқтисодиёт, сиёсат ва илмҳои эҷодӣ – санъат, риторика ва ғ-ро фаро мегиранд. Ӯ нахустин мутафаккирест, ки ба таҳлили таҷрибаи таърихии илму фалсафа пардохта, таърихи инкишофи илму фалсафаи Юнони Қадимро аз Фалес то Афлотун ҷамъбаст намуд ва ба тараққии минбаъдаи илму фалсафа саҳми бузург гузошт. А. фалсафаро ба ҳикмати назарӣ ё худ ақлӣ (дониш барои дониш), амалӣ (дониш барои фаъолият) ва назмӣ ё фаъолиятӣ (дониш барои эҷодиёт) тақсим мекунад. Фалсафаи назарӣ ё ақлӣ боз ба физика, математика ва фалсафаи уло ҷудо гардида, ба фалсафаи амалӣ ахлоқу сиёсат, ба фалсафаи назмӣ риторика (илми баён) ва поэтика (санъати шеърӣ) мансубанд. А. ҳамаи илмҳои замонашро омӯхта, системаи илмии терминологиро ба роҳ монд, ки ҳоло ҳам дар истифода аст. А.-ро ҳаққонӣ асосгузори илми мантиқ меноманд, ӯ қонунҳои асосии мантиқи шаклиро муфассал таҳқиқ кардааст. Мантиқаш бо таълимоти ӯ дар бораи ҳақиқат, ҳастӣ ва назарияи маърифат зич алоқаманд аст. Шаклҳои мантиқиро А. ҳамчун шаклҳои ҳастӣ медонист, аввалин шуда категорияҳои ҳастӣ – моҳият, миқдор, сифат, изофа, макон, замон, вазъ, мулк, кунишро ҳаматарафа тадқиқ карда, ҳамзамон ба таҳлили категориҳои ҳаракат, имконият ва воқеъият таваҷҷӯҳи хос намудааст.

А. асосгузори илми зоология эътироф мешавад. Вай дар асарҳояш зиёда аз 500 намуди ҳайвонро тасвир карда, дар таърихи илм тасниф ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани олами ҳайвонот ба ӯ мутааллиқанд. «Фалсафаи физикӣ» ё илм роҷеъ ба табиат аз рӯи ҳаҷму таҳқиқ дар таълимоти А. мавқеи муҳим дорад. Дар он аз таҳқиқи усулҳои муҷарради табиат ва назарияи ҳаракат сар карда, ба тавассути космология, назарияи унсурҳо ва метеорология (илми ҷавв), ҳайвоншиносӣ ба баррасии нафс ва масъалаҳои биологӣ мепардозад.

Ахлоқ ва сиёсат дар таълимоти А. маҷмӯи ягонаи таълимоти фалсафӣ роҷеъ ба инсонро ифода карда, фаъолияти амалӣ ва рафторашро фаро мегирад. Ба андешаи ӯ барои бемамониат амалӣ намудани фазилати худ баъзе ҷиҳатҳои зоҳирӣ (саломатӣ, сарват, мавқеи ҷамъиятӣ ва ғ.) заруранд. Ақидаҳои сиёсии А. соҳаи ҳуқуқ, ташкилоти иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегиранд, ба маънои васеъ шомили ахлоқ низ мебошанд. Назарияи иҷтимоии А. ба мустаҳкамии сохти ғуломдорӣ нигаронда шуда, ҳукмронии ғуломдорон ва ҳаёти сахти ғуломонро ҳақиқати ҳол мепиндорад, назарияи давлатиаш ба ҳимояи табақаи миёнаи ҷамъиятӣ равона шудааст. Ӯ назарияи давлати идеалии Афлотунро рад карда, дар ихтиёри табақаи ғуломдорони миёнаҳол мондани ҳокимияти давлатиро зарур мешуморад, демократияи ба ифрот расидаро демократияи вайроншуда меҳисобад.

Мураттабӣ ва ба таври энсиклопедӣ фарогирии воқеият ба А. хос буда, айни замон ба тазоди норавшани ҳалли як қатор масъалаҳои умдаи илм тавъам аст. Дар тӯли таърих образ ва таълимоти фалсафии ӯ таҳаввулоти бисёр дид, ки ба А.-и таърихӣ қаробати ночиз доранд. Ин ҳолат дар фалсафаи асрҳои аввали милод ва минбаъда ба хубӣ дида мешавад.

Таълимоти А. дар фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқи Миёна ва Наздик мақоми хосро дорост ва худи мутафаккир ба номи «муаллими аввал» машҳур аст. Дар ин замина фалсафаи *машшоия* ба вуҷуд омад, ки намояндагони барҷастаи он Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва дигарон нуқтаҳои ин таълимотро инкишоф додаанд. Хизмати мутафаккирони форс-тоҷик ва араб аз он иборат аст, ки маҳз бо кӯшиши беғаразонаи онҳо симои А.-и таърихӣ равшан шудааст. Дар асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ бо А. аз рӯи асарҳои Ибни Сино ва ибни Рушд шинос шудаанд. Вале мутафаккирони Шарқ, алалхусус Ибни Сино ҳикмати А.-ро аз нуқтаи назари фалсафӣ омӯхтаанд. Асари Ибни Сино «Мантиқ-ул-ул-машриқйин» ва мукотибаи ӯ бо Берунӣ ба ин шаҳодат медиҳад. Форобӣ ба баъзе асарҳои А., аз ҷумла «Метафизика», «Дар бораи нафс», «Этика», «Категорияҳо», «Топика», «Анолитика» ва дигарҳо шарҳи илмӣ навиштааст. Ҷараёни *калом*, қабл аз ҳама намояндаи маъруфи он Муҳаммади Ғазолӣ дар асараш «Таҳофут-ул-фалосифа» ақоиди фалсафии А.-ро танқид кардааст. Мардуми тоҷик ба мақоми аслии А. дар таърихи тамаддуни инсоният арҷ мегузорад.

Ос.: *Соч., Т. 1 – 4.*, М., 1976 – 83.

Ад.: Зубов В. П., Аристотель, М., 1963; Осимӣ М. С., Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ, Д., 1970; Багоуддинов А. М., Очерки по истории таджикской философии, Сталинабад, 1961; Лосев А. Ф., История античной эстетики. Высокая классика, М., 1974.

Ғ. Ашӯров.


АРАСТУИЯ́ (Аристотелизм), 1) ба маънии маҳдуд таълимоти пайравони *Арасту*. Он ба мактаби *машшоияи* Юнон мутобиқат намекунад, зеро машшоёни қадим баъди Теофраст то а. 1 то м. ба А. ҳеҷ робита надоранд. Ба маънои нисбатан васеаш таърихи таъбиру таъвил, интишор, тарҷума ва нуфузи асарҳои Арасту ва алоқаҳои марбут ба омӯзиши таълимоташ дар анъанаҳои мухталифи илоҳиёти асрҳои миёна аст. Истилоҳи А.-ро бори аввал Страбон ба кор бурдааст. Патристикаи (маҷмӯи доктринаи фиқҳӣ, фалсафӣ ва сиёсии мутафаккирони масеҳӣ) қадимии шарқӣ аз *навафлотуния* ғизои маънавӣ гирифта, Евномия, Василийи Кабир, Григорийи Ниссӣ ва Феодорит ақидаҳои бидъатонаро маҳкум намуда, решаҳои онро дар силогистикаи Арасту мебинанд. Русухи мафҳуму истилоҳоти Арасту бобати илоҳиёти масеҳият дар осори Леонтии Византиягӣ (тақр. 475 – 543) мушоҳида гардида, он ба Максими Рӯҳонӣ низ таъсир гузошт. Эътирофи расмии мантиқи Арасту

(ҳамчун «хидматгор»-и илоҳиёт) дар «Диалектика»-и Ионни Димишқӣ ба назар мерасад. Анъанаи шарҳу тафсир а. 11 дар фаъолияти пайрави таълимоти Афлотун Михаил Пселл ва шогирдонаш Михаили Эфессӣ ва Иоанн Итал рӯнамо шуд. Минбаъд ин анъанаро Феодор Продром ва Иоани Сетсис (а. 12), Никифор Влеммид (а. 13), Георгий Пахимер, Мануил Холобол, Феодор Метохит (а.14) идома доданд. Мунозира байни Плифон (тақр. 1439), ки умуман А.-ро рад кардааст ва Георгий Схоларий (муҳофизи А.-и томистӣ) муборизаи байни пайравони Афлотун ва Арастуро дар Италия (а. 15) тақвият бахшид. Ёдгории муҳимтарини А.-и византиягӣ садҳо дастнависи асарҳои Арасту (қадимтаринашон а-ҳои 9 – 10) мебошад.

А.-и суриёнӣ ҳалқаи робитаи байни А.-и юнонию арабӣ мебошад. Асарҳои мантиқии Арасту ва «Муқаддима»-и Порфирийро настуриёни суриёнӣ барои ба роҳ мондани таълимоти илоҳиёт, гомилетика ва апологетика аз худ кардаанд. Усқуфи Эдесс Ива (435) ва муосиронаш Куми ва Проб (муаллимони мактаби илоҳиётшиносии Эдесс) бори аввал қисматҳои «Органон» («Арғунун»)-и Арасту ва «Муқаддима»-и Порфирийро ба забони суриёнӣ тарҷума намуданд. Император Зенон (489) мактаби Эдессро баст ва настуриён ба Форс омада дар Насибия ба омӯзиши асарҳои мантиқии Арасту идома медоданд. Намояндаи барҷастаи аҳли илми он давр Сергий (ваф. 536) роҳбари табибони ш. Решайни Байнаннаҳрайн, мутарҷими асарҳои Ҷолинусу Арасту ва муаллифи як силсила рисолаҳои ҷолиб роҷеъ ба мантиқ буд. Мутарҷимони машҳури асарҳои Арасту дар а-ҳои 9 – 10 настуриёӣ Ҳунайн ибни Исҳоқ (ваф. 877) ва писари ӯ Исҳоқ ибни Ҳунайн (ваф. 911) буданд. Намояндагони маъруфи А. дар Шарқи Наздик ва Миёна Киндӣ, Розӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд маҳсуб меёбанд. Фақат муаллифи «Таҳофут-ул-фалосифа» Ғазолӣ муқобили он буд. Ғазолӣ қаблан дар «Мақосид-ул-фалосифа» нисбат ба таълимоти фалсафии Арасту (мантиқ, илоҳиёт ва табиият) ибрози андеша кардааст. Ҳамин асар миёнаи а. 12 аз ҷониби Доминика Гундисалви дар Толедо ба лотинӣ тарҷима шуда, он дар Ғарб яке аз китобҳои машҳури дарсӣ оид ба А. гардид. Дар Шарқи Наздик ва Миёна А.-ро аз анъанаҳо (навафлотунияи атиқаи мутааххир) қабул карданд ва он ба симои арабии Арасту нақш гузошт. Айни замон А.-и арабӣ ба дигар илмҳо (тиб, ҳайат, риёзиёт) бештар алоқамандӣ дошт. Онро на чун дар Ғарб ба Библия, балки ба Қуръон мувофиқ мекарданд. А.-и навафлотуникунонидашуда дар таълимоти Киндӣ, ғояи судур ва қазову қадар дар таълимоти Ибни Сино зоҳир мегашт. Форобию Ибни Сино рӯйрост абадияти оламро таълим медоданд.

Дар фалсафаи европавии асрҳои миёна А. миёнаҳои а. 12 аз Иброҳим ибни Довуд оғоз ёфт. Осори ӯ зидди равияи навафлотунии Ибни Ҷебирол равона шуда буд. Маймонид ба тавассути омезиши яҳудия ва А. кӯшидааст, ки «схоластикаи европавӣ»-ро ба вуҷуд оварад. Таълимоти Арасту дар фалсафаи европавӣ роҷеъ ба абадияти олам ҷоҳшро ба креатсионизми Библия додаст, вале дар маърифати олами таҳтулқамар мақому нуфузи Арасту раднопазир мебошад. Асрҳои 13 – 14 фалсафаи пайравони Арасту байни яҳудиёни Испания ва Прованс интишор ёфт. Леви ибни Гарсон (1288 – 1344) аз шореҳони осори Ибни Рушд гардид. Миёнаҳои а. 12 ба тавассути Мактаби Шартр китоби Арасту «Органон» («Арғунун») пурра дастраси аҳли илм гардид ва бо номи «мактаби нав» шӯҳрат ёфт. Тарҷумаи асарҳои мутафаккир бевосита аз забони юнонӣ ё аз арабӣ баробар сурат мегирифт. Аввалин тарҷумаҳо аз забони юнонӣ ба Якови венетсиягӣ (1128) ва саррӯҳонии Катания Генрих Аристипп (ваф.1162) мансубанд. Ба интишори ғояҳои илмию табиатшиносии А. табибону табиатшиносон Даниили Морлей, Алфреди Англис, Пётри Испанӣ мусоидат карданд. Интишори васеи таълимоти Арасту дар илоҳиёти католикӣ ба фаъолияти Алберти Кабир ва Фомаи Аквинӣ вобаста мебошад. Дар А. 14 жанри нави шарҳу тафсир – саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои фалсафаи Арасту пайдо шуд. Ин айём ҳамчунин нахустин тарҷумаҳои осори Арасту ба забонҳои навевропавӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар даврai Эҳё сатҳи матншиносӣ, шарҳу тафсир ва тарҷумаҳои таълифоти Арасту инкишоф ёфтанд, нашри пурраи тарҷумаи осораш ба забони лотинӣ (1472 – 74) сурат гирифт. Муборизаи муқобили А.-и асрҳои миёна барои барқарор кардани Арастуи «ҳақиқӣ» авҷ гирифт, вазъи фалсафии а-ҳои 15 – 16 мухолифати афкори Афлотуну Арастуро шадидтар кард. Ибт. а. 13 дар ун-тҳои Оксфорду Париж ба омӯзиши А. таваҷҷӯҳ бештар гардид, вале дар Париж таълимоти Арасту оид ба илоҳиёту табиият борҳо манъ карда шуд. Соли 1255 факти санъат дар Париж омӯзиши тамоми асарҳои Арастуро ба роҳ монд. Дар мактабҳои протестантӣ Таурellус (1547 – 1606), Тимплер (1567 – 1624), Х. Шейблер (1589 – 1653), И. Томазиус (1622 – 84) илоҳиёти Арастуро ба илоҳиёти протестантӣ ворид намуданд. Инқилоби илмии а. 17 ва ташаккули тавсифи механикии олам боиси инқирози А. дар соҳаи табиатшиносӣ гардид (ниг. *Галилей, Кеплер, Бэкон, Гасендӣ*), вале Лейбнис табиияти Арастуро маҳкум намуда, дар илоҳиёт ба телеологизми арастуӣ баргашт. *Ш. Абдуллозода.*



Кӯҳи Арафот.

АРАФО́Т, А р а ф а , номи кӯҳ ва водӣ дар наздикии ш. Макка. Дар А. Одам ва Ҳавво, ки аз биҳишт ба ҷойҳои гуногуни замин фурӯ омада буданд, дубора бо ҳам вохӯрда, якдигарро шинохтанд. Яке аз тавҷеҳоти чунин ном гирифтани он ҷой низ ҳамин ҳодиса мебошад, зеро маънои А. «шинохтан, донистан» аст. Шӯҳрати А. марбут бо маносики ҳаҷҷи мусулмонон аст, зеро рӯзи Арафа, яъне 9 зулҳиҷҷа (як рӯз пеш аз иди Қурбон) вуқуф (истодан) дар А. барои ҳар як ҳоҷӣ фарз аст ва аз рукнҳои муҳимтарини ҳаҷ ҳисоб меёбад. А. дар Қуръон (2: 198) зикр шудааст. Ҳоҷиён дар А. он рӯз бо гуфтани «лаббайка» ва хондани дуоҳо машғул мешаванд ва намози пешину аср он ҷо мегузоранд. А. дар гунаи «арафа» дар забони тоҷикӣ ба ҷуз он чӣ гуфта шуд, боз маънои нав касб кардааст: рӯз ё замони қабл аз ҳар ҳодиса, бахусус ҷашнҳову идҳоро «арафа» мегӯянд. *М. Умаров.*

АРАФО́Т ЁСИ́Р (24. 8. 1929 – 11. 11. 2004), ходими сиёсӣ, роҳбари ҳаракати миллии Фаластин. Солҳои 1948 – 56 дар фак-ти инженерии Донишгоҳи Қоҳира хондааст. Иштирокдори ҷанги арабу Исроил дар с. 1948. Соли 1952 дар Миср Лигаи донишҷӯёни



фаластиниро таъсис дод. Ҳангоми бӯҳрони Суэс (1956) командири отряди фаластинии тахрибӣ буд. Яке аз поягузорон (1959) ва роҳбари доимии ҳаракати фаластинии ФАТҲ, ки ҳадафаш муборизаи мусаллаҳона бар зидди Исроил барои бунёди давлати мустақили Фаластин аст. Аз фев. 1969 раиси Комитети иҷроияи Ташкилоти озодибахши Фаластин (ТОФ). Соли 1974 ғояи ташкили давлати Фаластинро дар ҳудуди ишғолкардаи Исроил аз соҳили ғарбии д. Урдун ва ҳамзамон барқарории сулҳ миёни Фаластину Исроил ба миён гузошт, ки аз тарафи бисёр давлатҳои ҷаҳон эътироф гардид. Апр. 1989 Президенти давлати Фаластин эълон гардид. 4 майи 1994 бо Исроил дар бораи барқарор намудани мухторияти Фаластин дар сектори Ғаззаҳ ва қисмати ғарбии д. Урдун созишнома ба имзо расонд. Аз с. 1996 роҳбари Маъмурияти миллии Фаластин. Дорандаи Мукофоти сулҳи Нобел (1994).

«АРАФО́Т-УЛ-ОШИҚИ́Н ВА АРАСО́Т-УЛ-ОРИФИ́Н», тазкираест, ки *Авҳадӣ* Тақиуддин Муҳаммад с-ҳои 1610 – 12 тартиб додааст. Муаллиф баъдан дарёфтҳои тозаи худро то с-ҳои 1632 – 33 ба тазкира чун замимаи шарҳи ҳоли шоирон илова намудааст. «А.» тарҷумаи ҳоли бештар аз 3300 шоирро дар бар мегирад. Тартиби ҷой гирифтани шоирон мутобиқи алифбои арабист. Ба 28 арса (фасл) ва ҳар арса ба 3 ғурфа (боб) тақсим шудааст. Дар ғурфаи аввал тарҷумаи ҳоли шоирони қадим, ғурфаи дуюм тарҷумаи ҳоли шоирони давраи мутавассит ва дар ғурфаи сеюм шарҳи ҳоли шоирони муосири муаллиф омадааст. Ба қавли муаллиф вай ин асарро бо дархости дӯстон ва баъзе ҳукмронони Ҳиндустон чун такмила ё идомаи тазкираи нахустинаш – «Фирдавси хаёли Авҳадӣ» навиштааст. Дар тазкираи «А.» мухтасари тарҷумаи ҳол ва намунаҳои осори суханварон аз тамоми табақаҳои ҷомеа омадаанд. Авҳадӣ дар таълифи тазкира аз осори таърихӣ, рисолаҳо, девонҳои шоирон, тазкираҳои то замони ӯ таълифшуда истифода кардааст. «А.» беҳтарин ва мукаммалтарин тазкира дар адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад. Махсусан, бахши шарҳи ҳоли шоирони форсизабони муқими Ҳиндустон, ки бо муаллиф ҳамзамон ва ҳамсӯҳбату ошно будаанд, пуразрзишу мӯътамад аст, зеро А. шарҳи ҳоли шоиронро аз забони худи онҳо шунида, намунаҳои ашъорашонро аз дасти худашон гирифтааст. Тазкиранависоне, ки баъди А. тазкира сохтаанд, аз ин асари ӯ истифода бурдаанд. Авҳадӣ с. 1627 бо супориши подшоҳи Ҳиндустон Ҷаҳонгир (ҳукмр. 1605 – 27) хулосаи «А.»-ро бо номи «Каъбаи Арафот» тартиб додааст:

Ин Каъба, ки Замзамаш бувад Оби ҳаёт,
Айни Арафот омада аз зоту сифот.
Лекин «Арафот» «Каъба» дорад ба дарун,
Ин «Каъба» бурун омадааст аз «Арафот».

Ад.: Аҳмад Гулчин Маонӣ, Таърихи тазкираҳои форсӣ, ҷ. 2. Т., 1350 ҳ. ш.

АРАФӮР, баҳри канорӣ дар Уқёнуси Ҳинд. Байни Гвинеяи Нав ва ҷазираҳои Танимбар, Кай. Масоҳ. 1017 ҳазор км^2, ҳаҷмаш 189 ҳазор км^3. Чуқурии миёнааш то 200 м, дар қисми шимолу Ғарб (байни ҷазираҳои Кай ва Ару) чуқурии А. 3680 м аст, ки онро «жарфи Ару» меноманд. Халиҷи калонаш – Карпентария дар дарунтари хушкӣ ҷой гирифтааст. Ҷараёни об тобистон аз Ғ. ба Ш. ва зимистон баръакс аст. Ҳарор. миёнаи сатҳи об 25 – 28°С. Шӯрии об 34 – 35‰. Мавҷҳояш мӯътадил (баландии муқаррариашон 0,5 – 0,6 м, ҳангоми вазиши бодҳои тӯфонӣ 2 – 4 м). То баҳрҳои Банда ва Серами Уқёнуси Ором ба тавассути гулӯгоҳи Торрес ва то Уқёнуси Ҳинд ба воситаи Баҳри Тимор сайрхати обӣ дорад.

АРА́ҲИС, ниг. *Чормағзи заминӣ.*

АРАХНО́ЗҲО (юн. arachne – тортанак ва nosos – беморӣ), як навъ касалии ҳайвонот, ки тортанакшаклҳо ба вуҷуд меоваранд. Ба чорводорӣ бештар канаҳои хоришак, демодекоз, канаи сурхак ва ғ. зарари калони иқтисодӣ мерасонанд. Ғизои онҳо лимфа, хун, ҳуҷайраҳои пӯст ва маҳсули илтиҳоб мебошанд. А.-ро ҳамчунин канаҳои хунмак ба вуҷуд меоранд. Дар мавриди бисёр кана задан ҳайвон гирифтори камхунӣ мешавад. Мувофиқи баъзе маълумот як канаи болиғ то 0,1 мл хун мемакад. Чунин навъҳои А. мавҷуданд: лингватулез, акароз, псороптоз, хориоптоз, кнемидокоптози паранда, нотоэдрози гурба, саг, харгӯш, отодектози саг, рӯбоҳ, рӯбоҳи шимолӣ, гурба, демодекоз, пиемотози хукбачаҳо ва ғ. А.-и ҳайвонотро арахнологияи ветеринарӣ (байторӣ) меомӯзад. Арахнологияи ветеринарӣ дар баробари дарёфт намудани тадбирҳои мубориза ба муқобили А. паҳншавии бемориҳои риккетсиозию вирусии одамро, ки ба воситаи канаҳо мегузаранд, пешгирӣ мекунад. А. хусусан дар ҷавонаҳо ва чорвои лоғар вазнин мегузаранд.

АРАХНОИДИ́Т (юн. arachne – тортанак ва eidos – шакл), газаки анкабутпардаи мағзи сар ё ҳароммағз. Одатан ҳамроҳи газаки пардаи нарми мағзи сар пайдо мешавад. А. баъд аз бемориҳои сироятии шадид ва музмин, мас., грипп, газаки римноки биниворай иловагӣ, гӯш, бодомак, баъд аз осеби косахонаи сар ва сутунмӯҳра, дар натиҷаи захролудӣ аз сурб пайдо мешавад. Чун оризаи зарбу лати косахонаи сар, грипп ва дигар бемориҳо А. аксар вақт ҳангоми риоя накардани режими бистарӣ ва иҷро накардани тавсияи духтур ба амал меояд. Ҳангоми А. анкабутпарда ва пардаи нарми мағзи сар ғафс шуда, гардиши моеи ҳароммағз вайрон, фишори дохилии косахонаи сар баланд мегардад, дарди сари бардавом пайдо мешавад, ки аломати маъмули А. аст. Дар баъзе ҳолатҳо хуруҷи *сарҳ* ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми газаки пардаҳое, ки асаби босираро фаро гирифтаанд, босира суст мешавад; дар натиҷаи А.-и қисмҳои ақиби мағзи сар чархзании сар, пастшавии шунавоӣ, ихтилоли мувозанат ба вуҷуд меояд. Аз сабаби илтиҳоби пардаи решачаҳои ҳароммағз дар ҷисм ва дасту по дард пайдо мешавад. Пайдоиш ва сабаби А.-ро духтур баъди дар шӯъбаи неврологӣ бодиққат муоина кардани бемор муайян менамояд. Ҷараёни беморӣ музмин буда, дар мавридҳои пешгирӣ накардани он шахс солҳои дароз аз дарди сар азият мекашад, босира суст, шунавоӣ паст мешавад. Саривақт муолиҷа кардани бемориҳои шадиди сироятӣ ва музмини илтиҳобии ҳалқу бинӣ ба инкишофи А. роҳ намедиҳад. Ҳангоми бо сурб сару кор доштан, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ шарт ва зарур аст.

Ад.: Киселев А. С., Ринохирургия оптохиазмального арахноидита, М., 1994; Пискунов С. З., Функциональная анатомия и хирургия носа и околоносовых пазух, Курск, 2004.

Ш. Ф. Раҷабалиев.

АРАХНОЛО́ГИЯ (аз юн. arachne – тортанак ва logos – илм), як соҳаи зоология, ки тортанакшаклҳо (Arachnaidea)-ро меомӯзад. Миёнаи а. 19 чун соҳаи мустақили илм аз *энтомология* ҷудо шудааст. А. назариявӣ ва амалӣ мешавад. Мавзӯи таҳқиқи А. экология, таснифот, таҳаввулот ва зоогеографияи тортанакшаклҳост. А. дар робита бо *микробиология, вирусо-*

логия, протозоология ва *гелминтология* инкишоф меёбад. Вобаста ба аҳамият ё зарари тортанакшаклҳо А.-ро ҳамчунин ба А.-и кишоварзӣ (зараррасонҳои растанӣ ва маҳсулотро тадқиқ менамояд), А.-и тиббӣ (ангезанда ва паҳнкунандагони бемориҳои гузарандаи одамро меомӯзад) ва А.-и ветеринарӣ (ангезанда ва паҳнкунандагони касалиҳои ҳайвонотро тадқиқ мекунад) чудо менамоянд. Вале чунин тақсимот шартист, зеро аҳамияти бисёр тортанакшаклҳо то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Оид ба А. (тортанак ва каждумҳои захрнок) хусусан ох. а. 19 – авв. а. 20 пажӯҳишҳои назаррас анҷом ёфтанд. Дар инкишофи чиҳатҳои биологӣ, тиббӣ ва ветеринарии А. саҳми олими шӯравӣ Е. Н. Павловский арзанда аст. В. А. Догел ва шогирдони ӯ оид ба масъалаҳои умумии ҳайвоноти бемӯҳра, аз чумла тортанакшаклҳо тадқиқот бурда, ба инкишофи асоси назариявии А. кумак расонданд. Тортанакшаклҳо намуду хелҳои зиёд дошта, қариб дар тамоми чаҳон паҳн шудаанд. Мас., дар Тоҷикистон қариб 700 намуди тортанакшаклҳо мавҷуд аст. Онҳо ба кишоварзӣ зарари калон мерасонанд. Бинобар ин ҳаматарафа ва пурра омӯхтани А. аҳамияти бағоят калон дорад. Оид ба А. дар Ин-ти зоология ва паразитологияи АИ ҶТ, кафедраҳои зоологияи ДМТ, ДДОТ ва кафедраи микробиология, эпизоотология ва паразитологияи ДАТ тадқиқот бурда, усулҳои муборизаро ба муқобили онҳо дарёфт менамоянд.

АРАХО́СИЯ (аз юн. қадим – Aracnosia, форсии қадим – Ҳараҳвайтӣ), вилояти таърихӣ дар шарқи паҳнкӯҳи Эрон, дар водии ҳавзаи д-ҳои Аргандоб ва Аргастон бо ш-ҳои асосиаш дар ҳудуди Қандаҳору Ғазнаи ҳозира. Дар катибаи Бесутун ва «Хурд – Авесто» номбар шудааст. Дар аҳди *Куруши Кабир* (байни 547 ва 539 то м.) ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил буд. Дар аҳди *Дорои I* дар А. шӯриши тарафдорони Ваҳяздат (522 – 521 то м.) сар зад, ки онро волии Форс пахш кард. А.-ро с. 330 то м. *Искандари Мақдунӣ* тасарруф намуд. Юнониҳо дар ин ҷо ш. Искандария ё Александрополро бунёд карданд. Ох. а. 4 то м. волӣ Сибиртий ҳокими А. буд. Таърихнигори машҳури юнонӣ Магасфен, ки ба Ҳиндустон сафар карда буд, дар А. низ чанд муддат зиндагӣ кардааст. Тақр. с. 305 то м. А.-ро *Селевки* I забт кард, вале дере нагузашта А. ба давлати Маврия ҳамроҳ гардид. Тақр. с. 190 то м. А.-ро подшоҳи Юнону Бохтар Деметрий забт кард. Дар аҳди ӯ ш. Деметрия бунёд шуд. А. аз ҳамин вақт пайваста ба мулкҳои ҳокимони юнонӣ, сакоӣ ва портӣ ҳамроҳ мешуд. Ниҳоят а. 1 м. дар аҳди *Кадфизи* I ё II А. ба як қисми давлати *Кушониён* табдил гашт. А.-ро а. 5 *Ҳайтолиён* забт намуданд. Аксари муаллифони а. 10 ин сарзаминро чун музофоти Арруҳач ба қалам додаанд. *М. Пянков.*

А́РБЕР Вернер (тав. 3. 6. 1929, Гренихен, Швейтсария), микробиолог ва генетики швейтсариягӣ. Хатмкардаи мактаби политехникӣ (1953). Солҳои таҳсил оид ба изотопи С1-34 тадқиқот анҷом додааст. Фаъолияти кориаш дар Лабораторияи биофизикаи Донишгоҳи Женева оғоз ёфт. Ба тадқиқи мутантҳои бактериофаги лямбда машғул буд. Солҳои 1958 – 60 дар Донишгоҳи Калифорнияи Ҷанубӣ кор кардааст. Баъдан ба Женева баргашта, дар Донишгоҳи Базел фаъолияташро идома медиҳад. Роҳбари АИ Папаи Рим (аз с. 2011). Барои кашфи ферментҳои рестрикатсионӣ сазовори Мукофоти Нобел дар соҳаи тиб ва физиология (1978) гардидааст.

А́РБЕРРИ (Arberry) Артур Ҷон (12. 5. 1905 – 2. 10. 1969), шарқшиноси англис. Хатмкардаи шӯъбаи забонҳои шарқии Донишгоҳи Кембриҷ (1929). Дар донишгоҳҳои Қоҳира, Лондон, Кембриҷ кор кардааст. Узви академияҳои Миср, Эрон, Димишқ, ноиб-президенти Комитети тарҷумаи адабиётҳои классикии ЮНЕСКО буд. Барои омӯзиши забон ва нусхаҳои хаттӣ ба Туркия, Миср, Фаластин, Лубнон, Сурия сафар кард (1930). Мудири бахши забонҳои бостонии Донишгоҳи Қоҳира (1931 – 33). Ба Англия баргашта, мудири кафедраи забони форсии Донишгоҳи Лондон таъйин гардид (1939). А. муассиси Анҷумани шарқшиносони Британия мебошад (1948). Доир ба адабиёти классикии форс-тоҷик тақр. 40 асари тадқиқотӣ ва тарҷумавӣ дорад («Афсонае аз Боязиди Бастомӣ», «Осори манзуми Форобӣ» (1938), «Арокӣ шоири мутасаввифи эронӣ» (1939), «Саҳми англисҳо дар омӯзиши Эрон» (1942), «Оғози таърихи суфия» (1943), «Ҳофиз ва тарҷумонҳои англисии ӯ» (1946), «Панҷоҳ ғазали Ҳофиз» (1947), «Рубоиёти Умари Хайём», «Рубоиёти Ҷалолуддини Румӣ» (1949), «Дастовардҳои Ибни Сино» (1950), «Абуалӣ ибни Сино ва фиқҳ (теология)» (1951), «Умари Хайём» (1952), «Адабиёти классикии форсӣ» (1958), «Романтикаи рубоиёт» (1959), «Тадқиқот оид ба шарқшиносӣ» (1960), «Ҷалолуддини Румӣ» (1962), «Таърихи мухтасари зиндагии Аҳмади Ҷом» (1963) ва ғ.

Ад.: Фарҳанги ховаршиносон, Т., 1997; Доиратулмаорифи мусташриқон, Т., 1998.

Қ. Расулиён.

АРБИ́ТР (аз лот. arbiter), 1) миёнарав дар ҳалли масоили баҳсталаб, суди ҳакамӣ; 2) дар баъзе мамлакатҳо шахси мансабдоре, ки баҳсҳои марбут ба хоҷагидориро байни муассисаҳову ташкилотҳо баррасӣ мекунад, узви *арбитраж;* 3) ҳакам дар мусобиқаи варзишӣ 4) дар таомул ҳар шахсияте, ки омода аст бо истифода аз обрӯю эътибор ва эҳтироми нисбат ба ӯ дошта баҳсҳои дар байни шахсҳои алоҳида ба вуқӯъ омадаро қазоват кунад.

Б. Раҳматов.

АРБИТРА́Ж (аз фр. arbitraqe ва лот. arbitrare – мушоҳида кардан, баҳо додан), 1) расму қоидаҳои оштӣ; тарзу тариқаи ҳалли масъалаҳои баҳсталаб ба воситаи муроҷиат ба *арбитр*, суди ҳакамӣ ё дигар миёнарав; 2) дар баъзе мамлакатҳо мақомоти махсуси давлатӣ барои ҳаллу фасли баҳсҳои хоҷагидорӣ байни муассисаву ташкилот; 3) судҳои ҳакамии тиҷоратӣ барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои баҳсбарангезе, ки аз шартномаҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқии хусусияти байналхалқӣ дошта рух задаанд. Фаъолияташ доимист ва ё танҳо барои арзёбии амали мушаххасе таъсис дода мешавад. *Ш. Менглиев.*

АРБО́Б (аз ар. рабб – соҳиб), мансаб дар *Аморати Бухоро*. Дар матнҳои таърихӣ дар шакли танҳо ба маънии «соҳиби мулк», «шахси пулдор» ва «сарватманд» ба кор рафтааст. А. дар аксар ш-ҳои Осиёи Марказӣ то Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба маънии заминдорони калон ва соҳиби мулк (деҳот) ба кор мерафт. Дар аморати Бухоро сардори миробҳо ва амлокдорҳоро низ А. мегуфтанд. Дар деҳаҳо пирони маҳалларо А. меномиданд. Андозе, ки барои таъмини А. аз мардум ситонда мешуд (мувофиқи салоҳдиди А.) «арбобона» ном дошт. *Л. Бойматов.*

АРБО́Б, деҳа, маркази ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳ. Бобоҷон Ғафуров. Деҳа баъди сохта ба истифода дода шудани маҷмааи «Қасри Арбоб»-и к-зи «Москва» (1952 – 67, раисаш *Ӯрунхоҷаев* С.) ин номро гирифта, аввал дар он 7 – 8 оила зиндагӣ мекард, минбаъд васеъ шуд. Аҳолиаш 1138 нафар (2009), тоҷикон. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Ғафуров 10 км; роҳ


Маҷмааи «Қасри Арбоб».

асфалтпӯш. Деҳа гимназия, бунгоҳи тиббӣ, 2 нуқтаи савдои хусусӣ ва чойхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Сир ба воситаи насосҳо (лӯлаҳои обкаш) обёрӣ мешаванд. Дар маҷмааи «Арбоб» Иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид (16 – 30. ноябри 1992). Аз с. 2010 он КВД «Кохи фарҳанг» ном гирифта, мансуби Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вил. Суғд мебошад.

АРБОБДАРА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Дӯстии тобеъи ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази ш. Ваҳдат 14 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 943 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз оби чашмаҳо обёрӣ мешаванд.

АРБО́БИ АНВО́Ъ (ар. ҷамъи ҳомӣ, фармонраво ва ҷамъи – намуд, гуна), дар ҳикмати *ишроқия* нури олӣ ва қоҳири улвия, ки дар олами барзах қарор дошта, муваккил ва ҳомию нигаҳбони яке аз суратҳои нави моддӣ мебошанд. Дар оини зардуштӣ онҳоро ҳамчун *амшоспандон* ва фариштагони ёвари *Аҳура – Маздо* мешиносанд, дар ойни масеҳӣ онҳоро «архангел» ва «архетип» меноманд, ки бо «мусули афлотунӣ» шабоҳати бисёре доранд, вале моҳиятан аз он фарқ мекунанд. Дар таълимоти ҳастишиносии Шаҳобуддини Суҳравардӣ аз «Нур-ал-анвор» аввал «нури акраб» содир шуда, дар натиҷаи қаҳру муҳаббати онҳо «анвори тӯлӣ» ва «анвори аразӣ» ҳосил мешаванд. А. а. ба табақоти анвори аразӣ мансуб буда, ҳар яке ба таври ҷудогона амал мекунанд ва ҳомию нигаҳбони суратҳои навъии олами моддӣ мебошанд. Онҳо байни олами нуронӣ ва олами зулмонӣ қарор доранд.

Ад.: Шаҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ. Маҷмӯаи дуюми мусаннифоти Шайхи Ишроқ, Т., 1331, ҳ. ш. *М. Ҳазратқулов.*

АРБО́БИ ИЛМ ВА ТЕ́ХНИКАИ ТОҶИКИСТОН, унвони фахрӣ, 1 янв. 1997 бо Фармони Президенти ҶТ таъсис дода шудааст. Солҳои 1939 – 89 – Ходими хизматнишондодаи илми (илм ва техникаи) РСС Тоҷикистон, 1990 – 96 – Ходими шоистаи илми Тоҷикистон ном дошт. Унвон барои асарҳои махсусан пурқимати соҳаи илм, кашфиёт ва ихтирооти муҳим, фаъолияти барҷастаи илмӣ-амалӣ ва илмӣ-оммавӣ дода мешавад. Соҳибунвонҳо сазовори нишони сарисинагӣ ва шаҳодатнома мегарданд. Нафарони зерин ин унвонро гирифтаанд:

1997: Абдусаломова Мақсуда (химия), Катаев Амир (иқтисод), Қаюмов Нуриддин (иқтисод), Келдиев Имомназар (таърих), Маҷидов Ҳамид (физика), Одинаев Фарҳод (тиб), Пӯлодов Ҳомид (фалсафа), Сафаров Ҳабиб (биология), Тоҳиров Фозил (ҳуқуқ), Усмонов Зафар (математика), Ҳабибов Сафиулло (иқтисод), Ҷалилов Абдулҳамид (таърих), Ҷӯраев Абдуҳамид (математика).

1998: Абдуллоев Сайдулло (таърих), Бобоев Тошбой (физика), Нарзиев Бозор (физика), Сатторов Малик (математика), Уроқов Дӯстмурод (иқтисод), Хаскашев Талбак (забоншиносӣ), Шарифов Худоӣ (адабиётшиносӣ).

1999: Абдуллоев Ҳомидҷон (биология), Абдулҳаев Раҷиб (таърих), Ақназаров Оғоназар (биология), Баротов Шариф (биология), Зикриёҳоҷаев Дилшод (тиб), Қароқулов Амир (чорводорӣ), Мироҷов Ғиёсиддин (тиб), Каримов Муқим (тиб), Яъқубов Юсуфшо (таърих), Олимов Карокатулло (фалсафа).

2001: Тоҳиров Инъом (техника).

2002: Анварова Шакархон (тиб), Солиев Лутфулло (химия).

2008: Камолиддинов Баҳриддин (забоншиносӣ), Каримов Самариддин (химия), Юнусӣ Маҳмадюсуф (математика).

2009: Абдуллоев Ҳабибулло (физика).

2010: Наврӯзов Султон (фалсафа).

Ё. Назармамадов.

АРБО́БИ ҲУНА́РИ ТОҶИКИСТО́Н, унвони фахрӣ, янв. 1997 бо фармони Президенти ҶТ таъсис ёфтааст. Солҳои 1939 – 90 *Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон,* 1991 – 96 *Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон* ном дошт. Ба коргардонҳо, композиторон, рассомон, меъморон, ҳайкалтарошон ва дигар ходимони санъат барои эҷоди асарҳои барҷаста ва корҳои илмӣ дар соҳаҳои гуногуни санъат, тарбияи кадрҳои соҳаи фарҳанг дода мешавад. Шахсони зерин ба дарёфти ин унвон ноил гардидаанд.

1997: Арутюнян Норайр (ҳайкалтарош), Амиров Раҷабмад (арбоби фарҳангӣ), Бекназаров Муриват (рассом), Бекасиён Анушервон (рассом), Низомов Шамсӣ (реж. театр), Одинаев Валимад (рассом), Орифов Шарифхон (мутриб, арбоби фарҳангӣ), Сангов Юсуфҷон (рассом), Сафаров Рамазон (рассом), Сербул Григорий (рассом).

1998: Абдураҳмонов Раҳматулло (рассом), Ботуралиев Раҳмат (рассом), Ғаниев Иброҳимҷон (собиқадори матбаа), Каримов Наримон (арбоби фарҳангӣ), Миршакаров Акмал (рассом), Просмушкин Евгений (рассом), Раҳимов Қурбон (рассом), Саодатов Юсуф (устоди мусиқӣ), Султон Сафар (драматург), Фоменко Евгений (рассом), Юсуфов Қурчибек (меъмор).

1999: Гаврилова Римма (санъатшинос), Заболотников Виктор (рассом), Қурбонов Сафаралӣ (арбоби фарҳангӣ), Мансурхоҷаев Музаффар (реж. филмҳои тасвирӣ), Раҳимов Қодир (арбоби фарҳангӣ, ширинкор), Холов Мизроб (рассом), Хоҷаев Муҳиддин (нависанда), Чалкин Валерий (рассом), Чечетка Виктор (рассом).

2000: Миршакар Заррина (композитор), Нишонов Зокир (композитор), Шералиев Саидалӣ (арбоби фарҳангӣ).

2001: Охунов Ҷӯрабой (композитор), Пӯлодов Юрий (арбоби фарҳангӣ), Ҳикматов Қудратулло (композитор).

2002: Аллабергенев Ботир (рассом), Наимов Бек (рассом), Сайфиддинов Анваршо (рассом), Юсуфов Аҳмад (рассом).

2008: Асоев Ҷононбек (рассом), Мусоев Амирбек (композитор).

Ё. Назармамадов.

АРБОБӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳии ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Ҳисор 6 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 735 нафар (2009), тоҷикон. Бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Хонақоҳ обёрӣ мешаванд.

АРБОБӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Симиганҷи ш. Ваҳдат. Аз А. то маркази шаҳр 6 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1076 нафар (2009), тоҷикон. Деҳа нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо

аз дарёчаи Симиганҷ обёрӣ мешаванд.

АРБОБӢ, навъе аз зардолуҳои маҳаллист. Дарахташ аҳромшакли хамидашох, навдаҳои яксолааш ғафси сурхча. Баргаш дилмонанди нӯгтез (дарозиаш 5,3 см, бараш 4,6 см), рӯяш суфтаи ҷилодор. Авв. апр. гул карда, ох. июл мепазад. Мевааш майдаи лӯнда (андозааш 3,1×3,2×3,1 см, вазни миёнааш 17,6 г), зарди норанҷӣ, пӯсташ тунуки пашмакдор, бештар ба меваи зардолуи Қандак монанд аст. Гӯшташ хамираки сероб, сершира ва хуштаъм. Баъди пухтан намерезад (аксар дар шохи дарахт мехушкад). Донакаш майда, мағзаш ширин. Меваашро тар мехӯранд ва ғӯлинг мекунанд. Аз ҳар бех дарахти 80 – 90-сола 65 – 70 кг ҳосил меғундоранд. А. ба сармо ва камобӣ тобовар буда, дар заминҳои санглох ва доманакӯҳҳо хуб месабзад. Дарахташ хеле кам мондааст. Дарахтони ҷудогонаи 90 – 120-солаашро дар боғҳои кӯҳнабунёди деҳаи Оббурдани ноҳ. Мастчоҳ пайдо кардан мумкин. Ба ҳосили А. парандаҳо (заргулдор, майна ва ғ.) ва ҳашароти зараррасон (мас., пармачӣ) зарари калон мерасонанд.

Ад.: Плодовые Среднего Таджикистана, Л., 1935; Плодоводство Таджикистана, Сталинабад, 1948. *С. М. Гулов.*

АРБОБХОТӮН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чортеппаи ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомониён 28 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 8116 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, нуқтаҳои хизмати маишӣ, 6 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, сабзаваткорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

АРБОВИ́РУСҲО (Arboviruses), вирусҳои ҳайвонот ва одам, ки ҷонварони бандпой (кана, хомӯшакҳо, кӯрпашша, харакҳо) интиқол медиҳанд. А. дар организми бандпойҳо инкишоф ёбанд ҳам, ба худи онҳо зарар намерасонанд. А. ангезандаи энсефалитҳои гуногун, табларзаи хунрез ва дигар бемориҳо мебошанд. Зиёда аз 200 намуди А. маълум аст. Онҳо аз рӯи хусусияти подгунӣ (антигенӣ) ба чанд гурӯҳ (A, B, C ва ғ.) ҷудо мешаванд. Зиёда аз 50 намуди А. барои одам бемориовар мебошанд. Андозаи А. аз 30 то 180 нм буда, аз кислотаи нуклеинат, сафеда ва ҷилди дорои липидҳо иборатанд.

АРБОРИСИ́ДҲО (аз лот. arbor – дарахт ва ceado – маҳв мекунам), моддаҳои химиявие, ки барои маҳв кардани буттаю дарахтон истифода мегарданд. Ба сифати А. бештар эфирҳои кислотаи 2,4 – дихлорфеноксиатсетат (2,4 – Д) ва кислотаи 2, 4, 5 – трихлорфеноксиатсетат (2, 4, 5 – Т) ё омехтаи онҳо ба кор мераванд. Фаъолияти гербисидии кислотаи 2, 4 - дихлорфенилатсетат, ки асосан ба растаниҳои дупаллагӣ таъсир менамояд, с. 1940 ошкор шудааст. Вобаста ба синни растаниҳо ба ҳар га 2 – 50 кг дору сарф мешавад. Хоса пиклоран (кислотаи 3, 5, 6 – трихлораминопиколин) манфиати бештар дорад. Онро ба ҳар га 2 кг мепошанд. А.-ро ба ҷангалзор, кундаи дарахтон, рӯи замин пошидан мумкин аст. Барои нест кардани дарахтони пӯсташон тунук А.-ро ба пояи растанӣ ё ҷойи ҳалқашакл буридаи он мепошанд. Мӯҳлати бехтарини истифодаи А. баҳор – нимаи якуми тобистон аст. А.-ро ба ҷойи буридаи танаи дарахтони қутрашон то 15 см бо лиф мемоланд. Барои нест кардани бехчасти буттаву дарахтон нимаи авв. тобистон ба ҳар га 1000 – 2000л маҳлули обии сулфамати аммоний (100 – 200 кг/га вобаста ба моддаи таъсирбахш) пошидан лозим. Истифодаи А. харочотро кам ва маҳсули корро афзун мегардонад.

АРВОНА́,ниг. *Устухудус.*

АРВО́ҲҚ, дар таълимоти динӣ маҳлуқоти фавқуттабиӣ. Эътиқод ба мавҷудияти А. дар натиҷаи шарҳи ғайриилмии ҳодисаҳои ҳаёт ва шуур (хоббинӣ, марг, мадҳушӣ) ба вуҷуд омада, дар таълимоти анимистӣ (ниг. *Анимизм)* ташаккул ёфтааст. Одами ҷамъияти ибтидоӣ сабаби пайдоиши ин ҳодисаҳоро надониста, зуҳуроти хаёлиро ҳамчун моҳияти асл тасаввур мекард. Мас., вай хоббиниро таассуроти А.-и аз ҷисм берун баромада дониста, ақида дошт, ки агар А. бо ягон сабаб ба ҷисм барнагардад, хоб ба марг табдил меёбад. Дар динҳои муосир низ ин ақида вуҷуд дорад. Дар таълимоти динӣ одамони зинда ва А.-и мурдагон бо ҳам робитаи мутақобила доранд. Ба ақидаи диндорон, А. махлуқест, ки аз моддаи муайяни шаффоф таркиб ёфта, хосияту қобилияти махсус дорад. А. гӯё метавонистааст дар ҷойи дилхоҳаш пайдо шавад, маҳзуну маъюс ё шоду хуррам бошад, ба ҳаёти одамон таъсири манфӣ ё мусбат расонад, аз ҳар гуна монеа гузарад, ҷиҳати зоҳирии худро тағйир диҳад. Аз тарафи дигар, А. гуруснагию ташнагиро ҳис карда метавонистааст. А. ҳамчун ҷузъи рӯҳи илоҳӣ воситаи «мулҳақ шудан» бо Худо будааст. Дар асл тасаввуроти динӣ доир ба олами А. инъикоси вайрон ва фантастикаи қуввaҳои стихиявии табиат ва ҷамъият буда, дарки нодурусти зуҳуроти рӯҳӣ ва шуури инсонист. *А. Шарифов.*

АРГЕЛА́НДЕР (Argelander) Фридрих Вилгелм Август (22. 3. 1799, Мемел, Пруссия – 17. 2. 1875, Бонн), астрономи немис. Узви вобастаи АИ Петербург (1826). Донишгоҳи Кёнигсбергро хатм кардааст (1822). Солҳои 1823 – 32 директори расадхонаи астрономӣ дар Або, 1832 –36 саркори расадхона дар Гелсингфорс, аз с. 1836 саркори расадхонаи Бонн. Раиси Ҷамъияти астрономҳои Германия (1864 – 67). Асарҳои илмиаш асосан ба астрономияи мушоҳидавӣ ва фотометрия бахшида шудаанд. Дар тадқиқотҳои Ф. В. Бессел ҷиҳати муайян кардани мавқеи саҳеҳи ситораҳо иштирок кардааст. Ба омӯзиши ҳаракатҳои хусусии ситораҳо машғул шуда, аз рӯи ин мушоҳидаҳо феҳрасти 560 ситорарo таҳия кард (1835). А. яке аз асосгузорони омӯзиши муназзами ситораҳои тағйирёбанда буд. Усули содаи бо чашм баҳодиҳии тобиши ситораи таҳқиқшавандаро таҳия кард (усули дараҷаҳо). Мафҳуми муосири «ситораҳои тағйирёбанда»-ро ба илм дохил намуд. Аз с.1938 то с. 1870 ба тобиши 40 ситораи тағйирёбанда бо 12000 тавсифот баҳо дод. Ҳаракати хусусии 390 ситорарo таҳлил намуда, ҳаракати Офтобро нисбати дигар ситораҳо собит ва ҷойи *апексро*, ки пештар В. *Гершел* муайян карда буд, аз рӯи ҳаракати ҳамагӣ ҳафт ситора тасдиқ намуд.

АРГЕНТИ́НА (Argentina) Республикаи Аргентина (Republika Arqentina), давлат дар қисми ҷан. шарқии Америкаи Ҷанубӣ. Масоҳ. 2,8 млн км^2 (ғайр аз ҷаз-ҳои Фолкленд – ҳудуди баҳсии байни А. ва Британияи Кабир). Аҳолиаш 40,2 млн нафар (2009). Пойтахташ – Буэнос-Айрес (наздики 13 млн нафар). Қисми ҷан. шарқии Америкаи Ҷанубӣ, қисми шарқии ҷаз. Замини Оташин, ҷаз-ҳои ба он наздики Эстадос ва ғ-ро дар бар мегирад. Дар Ғ. бо Чилӣ, дар Шим. ва Ш. бо Боливия, Парагвай, Бразилия ва Уругвай ҳамсарҳад аст. А. феде-



Парчам ва нишони Аргентина.



ратсияест иборат аз Округи федералӣ (маркази маъмуриаш Буэнос-Айрес) ва 22 музофот. Шаҳрҳои калонтаринаш: Санта-Фе, Кордова, Росарио, Тукуман, Ла-Плата ва ғ. Забони давлатӣ – испанӣ, дини ҳукмрон – католикӣ, пули миллӣ – песо. Иди миллӣ – Рӯзи Революотсия (25 май).

Сохти давлатӣ. А. – республикаи федеративӣ. Сардори давлат ва ҳукумат – Президент, ки ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешавад (ҳуқуқи ба давраи дуюм интихоб шуданро дорад) ва ҳамзамон Сарфармондеҳи олии Қуввaҳои мусаллаҳ мебошад, Сарвазир ва Суди олиро таъйин мекунад. Мақоми олии қонунбарор – Конгресси миллӣ, ки аз Сенат (72 аъзо) ва Палатаи намояндагон (257 аъзо) иборат буда, ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешаванд. Суди олӣ (иборат аз 9 аъзо)-ро Президент таъйин ва Сенат тасдиқ мекунад. Аз 20 ҳизби сиёсӣ Иттифоқи радикалии граждани, Фронти ҳамраъйии А. машҳуртаранд. А. узви СММ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Иттиҳоди давлатҳои Америка ва наздики 70 ташкилоти дигари сиёсию иқтисодии ҷаҳон мебошад. Муносибатҳои дипломатиаш бо Тоҷикистон аз 3. 5. 2011 барқарор шудааст.

Табиат. Сабаби гуногунии шароити табиии А. ба масофаи хеле зиёд тӯл кашидани ҳудудаш аст (аз Шим. ба Ҷ. – 3700 км, аз Ғ. ба Ш. – 1400 км). Аз ҷиҳати сохти геологӣ қисми ғарбии А. ба геосинклинали чиндори Анд ва қисми шарқиаш ба платформаи Америкаи Ҷанубӣ мансуб аст. Пастии Чако-Пампа аслан бо зинаҳои баҳрии давраи девону перм ва вулқонии давраи триас пӯшида шудааст. Асоси плитаи Патагонияро зинаҳои метаморфии токембрий ташкил медиҳанд. Релйефи А. дар Ш. ҳамвор, дар Ғ. кӯҳсор аст. Тамоми Шим. Ш. онро пастии Ла-Плата ишғол кардааст, ки ин пастӣ аз ҳамвориҳои Гран-Чако, Энтре-Риос (байни д-ҳои Парана ва Уругвай) ва Пампа иборат мебошад. Дар Ҷ. Ғ. А. паҳнкӯҳи Патагония (то 2000 м) ва дар Ғ. он паҳнкӯҳи Пуна (то 4000 м), дар Ғ. кӯҳҳои Анд бо қуллаҳои баландтарини Америкаи Ҷанубӣ – Аконкагуа (6959 м), Тупунгато (6800 м) ва Мерседаро (6500 м) воқеъ гардидаанд. А. аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст, захираҳои зиёди мис, руҳу сурб, сулфур, уран, волфрам, литий ва маъдани оҳан дорад. А. аз ҷиҳати захираи уран аз ҷумлаи даҳ давлати ҷаҳон мебошад. Захираҳои калони нефту газ дар қисми соҳилии

Патагония ва ҷаз. Замини Оташин, ангишти сиёҳтоб дар мавзеи Санта-Крус (Рио-Турбио) кашф шудаанд. Масолеҳи сохтмонии мармар ва хоро низ ҳаст. Иқлими А. аз се минтақаи иқлимӣ – тропикӣ, субтропикӣ ва мӯътадил иборат аст. Ҳарор. миёнаи солона аз 24°С дар Шим. то 5°С дар Ҷ. тағйир меёбад. Дар ҳамвориҳо – иқлим тропикӣ (ҳарор. миёнаи янв. (тобистон) 30°С, июл (зимистон) 20°С, боришоти солона то 900 мм), дар ноҳияҳои марказӣ – субтропикӣ (ҳарор. миёнаи янв. 23°С, июл 9°С, боришот то 1000 мм), дар Патагония – мӯътадили нимбиёбонӣ (ҳарор. миёнаи янв. аз 12 то 22°С, июл – аз 2 то 5°С, боришот 100 – 250 мм). Иқлими кӯҳистони Анд баландкӯҳи биёбонист. Обҳои дохилӣ дар ҳудуди А. нобаробар тақсим шудаанд. Дарёҳои асосӣ: Парана бо шохобҳояш Парагвай, Рио-Саладо, Уругвай, силсиладарёҳои Рио Бармехо – Десагуа-деро – Чадилеуву-Курако; Рио-Колорадо, Чубут, Рио-Десеадо ва ғ. аҳамияти калони киштигардӣ ва энергетикӣ доранд. Дар кӯҳҳои Анд кӯлҳои калони пиряхӣ – Науэл-Уапи, Лаго-Архентино, Буэнос-Айрес, Сан-Мартин, Вйедма ва ғ., дар маркази Энтре-Риос ва Пампа ботлоқзорҳои бисёре воқеанд. Қариб дар сеяки ҳудуди А. аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Гуногунии муҳити табиӣ ба хусусият ва таркиби хоку наботот бетаъсир намондааст. Дар Шим. А. хок – сурхи ҷигарӣ, дар Ш., ки намнокӣ бештар аст, хок марғзории ботлоқӣ, дар водиҳои Пампа – серҳосили сиёҳтоб, дар нимбиёбонҳои Пампа – хокистарии камҳосил. Наботот асосан аз марғзори сернами дашту саванна ва ҷангали кӯҳсори субтропикӣ иборат аст. Аз дарахтони нодир кебрачо (дар таркибаш танин дорад) ва ягона дар ҷаҳон чакалакзори арраян (як намуди мирта) ҳастанд. Дар олами ҳайвонот намудҳои эндемӣ – оҳу ва гурбаи пампай, саги магелланӣ, хирси айнакдор, шиншилла, гуанако (як намуди лама) мавҷуданд. Намудҳои гуногуни оҳу ва маймун, рӯбоҳи хокистарранг, шафпушт, нутрия, зиёда аз 50 намуд мор, хояндаи калонтарин – карпинчо (вазнаш то 65 кг), мӯрчахӯр ва ғ. ҳастанд. Дарёҳояш аз моҳӣ бой аст. Парандагон, махсусан лаклак, нанду, намудҳои гуногуни тӯтӣ ва колибри зиёданд. А. дорои зиёда аз 30 боғи миллӣ ва мамнӯъгоҳ буда, дар музофоти Энтре-Риос, дар соҳили д. Уругвай ҷангали ҷанубтарини ҷаҳон – иборат аз нахлҳои 15-метра ва дарозумр (то 500 сол), дар Патагония 13 пирях, дар нимҷаз. Валдес ягона дар ҷаҳон анклави табиӣ – макони зисти моржҳо (вазнашон то 4 т), дар димоғаи Томбо колонияи бузурги пингвинҳо (макони берун аз ҳудуди Антарктикаи зисташон) мавҷуданд. Заминҷунбӣ дар баъзе мавзеъҳои кӯҳҳои Анд, бӯронҳои шадид дар Пампа ва ноҳияҳои шим. шарқӣ, обхезиҳо аз хатарҳои табиӣ; ифлосшавии об, ҳаво, биёбоншавӣ аз масоили экологии А. мебошанд.

Аҳолӣ. Аксарияти аҳолии А.-ро аргентинагиҳо – авлоди муҳоҷирон аз Испания, Италия, Франсия ва Полша ташкил медиҳанд. 92 фоизи аҳолӣ муътақиди католисизм, 2% – ҷараёни протестантӣ, боқимонда 6% мусулмон, буддоӣ ва яҳудиён мебошанд. Сатҳи таваллуд пасттарин дар Америкаи Лотинӣ, дарозумрӣ ба ҳисоби миёна 75,5 сол аст. Сокинони А. бештар дар қисми соҳилии Пампа ҷойгир шуда, 89% аҳолӣ шаҳрнишинанд. Зичии аҳолӣ гарчанде дар А. 13 нафар дар 1 км^2 муайян шудааст, дар шаҳрҳо, махсусан Буэнос-Айрес ва Санта-Фе бештар аз 100 нафар дар 1 км^2 мебошад. Аҳолии деҳот зиёд нест. Азбаски барои заминдории калони механиконидашуда ва чорводории махсусгардонидашуда ба қувваи корӣ дастӣ эҳтиёҷ нест, А.-ро мамлакати аграрии бекишоварз (бедеҳқон) меноманд.

Таърих. Пайдоиши инсонро дар ҳудуди А. мансуби ҳазорсолаи 8 – 7 то м. медонанд. То авв. а. 16 дар ин ҳудуд қабилаҳои гуногуни ҳиндиҳо (диагит, кечуа ва ғ.) сокин буданд, ки сатҳи баланди тамаддун, роҳу пулҳо, иншооти обёрӣ доштанд. Соли 1516 баҳрнавардони испанӣ ба соҳили д. Ла-Плата расида, пойгоҳи мустамликавии худро барқарор ва онро ба ҳайати шоҳигарии Перу дохил карданд. Қабилаҳои бумӣ ғулом шудаву қир мегардиданд, қисме дар кӯҳҳои Анд паноҳ мебурданд. Ох. а. 16 ин ҷо се вилояти мустамликавӣ – Тукуман, Буэнос-Айрес ва Куйо, с. 1776 шоҳигарии Рио-де-ла-Плата (мутаалликӣ шоҳигарии Испания) – фарогири ҳудудҳои А.-и кунунӣ (то Рио-Негро), Боливия, Парагвай ва Уругвай таъсис ёфт. Кишоварзӣ ва баъзе намудҳои истеҳсолот инкишоф ёфта, дар Кордова аввалин Донишгоҳ ташкил шуд. Солҳои 1806 – 07 кӯшунҳои Британия кӯшиши ишғоли Буэнос-Айресро карданд, вале муваффақ нашуданд. Рушди иқтисод, таназзули империяи мустамликавии Испания ва болоравии ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ барои соҳиби истиқлол шудани А. замина фароҳам меовард. Баъди ба Испания дохил шудани Наполеони I моҳи майи 1810 дар Буэнос-Айрес шӯриш ба амал омада, ноиб-шоҳи испанӣ сарнагун ва Ҳунтаи муваққатии ҳукумати Ла-Плата эълон шуд. Ин «инқилоби май» як қисми ҳаракати озодихоҳии тамоми Америкаи Лотинӣ барои раҳо ёфтан аз юғи Испания буд (сарвараш Х. де Сан-Мартин). Иттиҳоди вилоятҳои Америкаи Лотинӣ (баъдтар Иттиҳоди Рио-де-ла-Плата, А.-и кунунӣ) июли 1816 худро соҳибистиқлол эълон кард, с. 1819 конститутсияи аввалин қабул шуд. Таърихи минбаъдаи А. муборизаи байни тарафдорони ҳокимияти ягонаи марказӣ ва ҷонибдорони сохти худидории маҳаллӣ буд. Соли 1826 конститутсияи нав қабул гардида, мамлакат Республикаи Федеративии Аргентина ном гирифт. Аввалин президент Б. Ривадавияро баъди се соли ҳокимияташ – с. 1829 ҳокими Буэнос-Айрес, заминдор Х. М. Росас ҷойгузин шуд, ки диктатурааш то с. 1852, то сарнагун гардиданаш идома ёфт. Соли 1853 конститутсияи нави ҳаммонанди Сарқонуни ШМА қабул гардид (шакли давлатдории федералӣ бо сарварии президент). Аммо Буэнос-Айрес ба ин федератсия дохил нашуд. Зиддият то с. 1860 идома ёфта, с. 1862 губернатори Буэнос-Айрес Б. Митрес Президент интихоб гардид. 70 соли минбаъдаи дар фазои оромии сиёсию иқтисодӣ басарбурдаи кишвар А.-ро ба сатҳи давлатҳои мутараққӣ бароварда (инкишофу тавсеаи роҳи оҳан, содироти ғалла, гӯшт ва пашм ба Европа). Ҳукумат воридшавии маблағҳои хориҷӣ ва қабули муҳоҷиронро дастгирӣ мекард. Дар натиҷа, аҳолии 800-ҳазораи А. (дар с. 1852) то с. 1914 ба 8 млн расид, шаҳрсозӣ тараққӣ кард, системаи бисёрҳизбӣ ҷорӣ шуд, с. 1912 ҳуқуқи интихоботи умумӣ эълон гардид. Намояндаи ҳизби Иттиҳоди радикалии шаҳрвандӣ И. Кригойен с. 1916 Президент интихоб шуд. Ҳукумати Ҳизби радикалӣ дар роҳи ривоҷи саноати миллӣ чораҳо андешида, сиёсати мустақили беруна мебурд. Дар ибт. а. 20 А. ба яке аз давлатҳои бойи ҷаҳон табдил ёфт. Ба ин ҷо аз мамлакатҳои дигар, махсусан Европа, ба миқдори зиёд муҳоҷирон меомаданд. То табаддулоти ҳарбии с. 1930 А. ҳаёти осуда дошт ва тараққӣ мекард. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) А.



Пойтахти Аргентина ш. Буэнос-Айрес.

худро бетараф эълон кард. Соли 1943 дар натиҷаи табаддулоти нав диктатураи ҳарбӣ барқарор шуд. Соли 1946 полковник Х. Д. Перон Президенти А. интихоб гардид. Ҳамсари ӯ Эва бо барномаҳои иҷтимоии ҷонибдорӣ намудааш эътибор пайдо кард. Баъди ноил гардидан ба пешравиҳои зиёд ва гузарондани якчанд ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ эътибори Перон бештар гашта, с. 1952 ба даврaи дуюм аз нав Президент интихоб шуд. Баъди тезутунд шудани муносибати Перон бо калисои католикӣ (мехост заминҳои вақфро давлатӣ гардонад) с. 1955 табаддулоти навбатӣ рух дода, ӯро сарнагун ва бадарға карданд. То с. 1976 дар А. боз се табаддулоти ҳарбӣ ба амал омада, ба ҷойи як ҳукумати ҳарбӣ ҳукумати дигари ҳарбӣ меомад (П. Э. Арамбуру, А. Фрондиси, А. Илйиа). Ҳукумати генерал А. А. Лануссе (1971 – 73) мамлакатро аз бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ бароварданӣ шуда, барои барқарор кардани шакли конститутсионии идораи мамлакат тадбирҳо андешид, интихоботи президентро гузаронд. Ҳаммаслаки Перон Э. Кампора ба сари ҳокимият омада, тадбирҳои прогрессивӣ андешид, вале гурӯҳҳои мухолифи ростҳо ва радикалҳо Кампораро маҷбур карданд, ки с. 1973 ба истеъфо барояд. Перон боз ба сари ҳокимият омад, вале с. 1974 ногаҳон вафот кард. Солҳои 1976 – 81 боз даврaи табаддулот, ивазшавии ҳукуматҳои ҳарбӣ ва терроризм гардид. Соли 1982 бо мақсади сабук кардани бӯҳрони иқтисодӣ саркори онвақтаи А. Л. Галтиерӣ хост ҷазираҳои Фолкленд (Малдив)-ро, ки аз с. 1883 мулки Британия буд, забт намояд, вале дар ин ҷанг шикаст хӯрд ва мустаъфӣ шуд. Соли 1983 дар натиҷаи гузарондани интихоботи демократӣ Р. Алфонсин – намояндаи Иттифоқи граждании радикалҳо, с. 1989 К. С. Менем – роҳбари Ҳизби хутсиалистӣ (истилоҳи ҷорикардаи Перон, ки маънояш барпо кардани давлати боадолат ё адолатпеша аст) сари қудрат омаданд. Ба Менем муяссар шуд, ки иқтисоди мамлакатро баланд бардорад ва вазъи муназзами сиёсиро пойдор намояд. Ин буд, ки ӯ с. 1995 дуюмбора Президент интихоб шуд. Ҳизби хутсиалистӣ ё перонистӣ, ки сарвараш Менем буд, ҳангоми интихобот ба Конгресс дар Палатаи намояндагон аксари ҷойҳоро ишғол кард. Ислоҳоти иқтисодие, ки с. 2001 вазири иқтисод Кавалло гузаронд, боиси бӯҳрони шадиди молиявӣ гардид (дефолт, паст рафтани қурби песо; побанди доллар шудан – чун А. бонки марказӣ надошт), Хазинаи Байналмилалии Асъор низ шартҳои вазнин гузошт. Дар ин давра миқдори бекорон ба 22 – 24% расида, бӯҳрони иқтисодӣ авҷ гирифт. Паймони (коалитсияи) «Алянс» – ғолиби интихоботи с. 1999 низ аз ӯҳдаи пешгирии ин вазъ баромада натавонист ва дек. 2001 истеъфо дод. Дар интихоботи с. 2003 губернатори музофоти Санта-Крус, пешвои ҳаракати «Фронти ғалаба» Н. Кричнер Президенти А. интихоб шуд.

Иқтисод. А. мамлакати аграрию саноатӣ аст. Ҷиҳати фарқкунандаи соҳаи кишоварзии А. аз дигар давлатҳои Америкаи Лотинӣ дар он аст, ки бо вуҷуди дар ин соҳа ҳамагӣ 1 фоизи аҳолӣ машғул будан, ӯ худро бо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пурра таъмин карда, ба миқдори зиёд аз ин мавод содир мекунад (50%-и даромади содиротии А.-ро ташкил медиҳад). Аз ҷиҳати саршумори чорвои калони шохдор (қариб 60 млн) А. дар ҷаҳон ҷойи шашум, аз ҷиҳати истеъмоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва гӯшт ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. А. истеҳсолкунанда ва содиркунандаи намоёни гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ аст. Дар саноати хӯрокворӣ истеҳсоли соя, равғанҳои растанӣ, орд, шароб низ бартарӣ дошта, аз ҷиҳати ҷамъоварии гандум дар ҷаҳон мавқеи калон дорад. Саноати сабук бо соҳаҳои худ қариб дар ҳамаи музофотҳои А. ҷойгир шудааст. Истеҳсол ва содир кардани чарму пойафзор соҳаи пешрафтаи он аст. Корхонаҳои саноати вазнин дар пастиҳои Парана, минтақаҳои саноатии байни Буэнос-Айрес ва Росарио ва асосан дар Буэнос-Айреси Калон (бо агломератсияаш) ҷойгир шудаанд. А. аз ҷиҳати истихроҷи нефт дар Америкаи Лотинӣ ҷойи чорумро ишғол карда, аз рӯи захираҳои уран дар ҳайати даҳ давлати пешрафтаи ҷаҳон аст. А. бо тадқиқоти илмии соҳаи энергетикаи ядроӣ ва саноати уран машҳур аст. Истеҳсоли сурбу руҳ, мис, алюминий соҳаҳои тараққикардаи металлургияи рангаи кишваранд. Мошинсозӣ (ширкатҳои «Форд», «Крайслер», «Тойота», «Пэжо» дар А. заводҳои худро доранд), электротехника (заводҳои IBM, Siemens), киштисозӣ (дар Буэнос-Айрес, Энсенада), самолётсозӣ (Кордова) низ аз соҳаҳои рушдкарда мебошанд. Дар соҳаи саноати сӯзишворию энергетикӣ мавқеи асосиро истихроҷи нефту газ ва гидроэнергетика мегирад. Баъди кашфи кони газ дар музофоти Нуакен истеҳсоли солонаи он ба 50 млрд м^3 расида, талаботи саноат ва аҳолиро пурра таъмин кард. А. дар Америкаи Лотинӣ аввалин шуда ба энергияи атомӣ рӯ оварда (зиёда аз 10%-и истеҳсоли барқи мамлакат): нерӯгоҳҳои атомии «Атуча» (1974), «Эмбалсё», «Атуча-II»; 61,3%-и қувваи барқ ба тавассути неругоҳҳои аловӣ, 29,6% дар НБО-ҳо тавлид мешавад. Истихроҷи ангишт, маъдани оҳан, алюминий, руҳ, мис, уран, тилло, нуқра, сулфур, гипс, асбест, мармар; истеҳсоли чӯян ва пӯлод дар иқтисоди А. мавқеи муҳим до-

рад. Корхонаҳои калонтарини коркарди маъдани кӯҳӣ дар Катамарка, Санта-Крус, Сан-Хуан, Мендоса, Жужуй ҷойгиранд. Металлургия ва мошинсозӣ низ аз соҳаҳои асосии саноати вазнини А. мебошад. Дар байни кишварҳои тараққикарда А. истеҳсол ва содиркунандаи намоёни дастгоҳҳо мебошад. Корхонаҳои саноати химия, истеҳсоли кислотаи бор, дорусозӣ, чармгарӣ (аз ҷумла пойафзор ва либоси чармӣ) нассоҷӣ (матоъҳои пахтагӣ, пашмӣ, катонӣ), маҳсулоти бофандагии дастӣ ва ғ. фаъоланд. А. дар минтақа бо неруи илмию техникӣ ва инкишоф додани технологияҳои нав фарқ мекунад. Шарикони асосии тиҷоратии А.: Бразилия, ШМА, Хитой, Чилӣ, Голландия, Германия. А. содиркунандаи машҳури маҳсулоти кишоварзӣ, автомошинаҳо, таҷҳизоти саноати хӯрокворӣ, коғаз, технология ва ғ. буда, узви Ассотсиатсияи интеграцсияи Америкаи Лотинӣ аст. Соли 1991 байни А., Бразилия, Парагвай ва Уругвай оид ба таъсиси бозори ягона – Меркосур, ки барои додугирифти озод, ҳаракати бемамониати молу мавод ва хизматрасонӣ мусоидат мекунад, аҳднома ба имзо расидааст. Туризм низ дар А. соҳаи тараққикарда аст. Ғайр аз сайёҳони кишварҳои Америкаи Лотинӣ ба А. аз Европаи Ғарбӣ ва с-ҳои охир аз Япония барои тамошои ҷангалҳои тропикӣ, махсусан яке аз бузургтарин шаршараҳои олам – *Игуасу,* курортҳои лижаронии сатҳи байналмилалии Сан-Карлос-де-Барилоче, кӯлҳои зебои кӯҳӣ, ягона дар ҷаҳон пиряхи маскун – Перито-Морено, макони зисти колонияи бузурги пингвинҳо Уилуая ва ғ. ҳар сол наздики 3 млн одам меояд. Дар А. зиёда аз 7,5 ҳазор меҳмонсарой фаъолият мекунад. Комитети олимпии А. с. 1927 таъсис ёфтааст. Ёрии тиббӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба, суғуртаи давлатӣ ва ихтиёрӣ, госпитал ва клиникаҳои давлатӣ расонда мешавад. Духтурон дар фак-тҳои тиббии донишгоҳҳо таълим мегиранд. Дастгирии маблағии кооперативҳои тиббӣ аз ҷониби давлат ба пешравии соҳа мусоидат кард. Дар соҳаи тиб А. духтурони машҳур, олимони навовар, аз ҷумла се нафар дорандаи Мукофоти Нобелро дорост, ки дар соҳаи бемориҳои дил, тоза кардани хуни лахтбастаи он, ихтирои асаби ангезандаи дил, такмили афзори ҷарроҳии дил ва дигар узвҳо, хунгузаронии безарар ва ғ. дастовардҳои нодирро соҳиб гаштаанд.

Маориф ва илм. Сатҳи саводнокии аҳолӣ дар А. ба 97% мерасад. Дар системаи маорифи мамлакат таълимоти томактабӣ, маълумоти ибтидоӣ, миёна, касбию техникӣ ва олӣ ҷорист. Дар А. маълумотгирӣ дар тамоми сатҳҳо ройгон аст (аз с. 1984). Зиёда аз 90%-и мактабҳо давлатӣ, боқимонда хусусианд (аз ҷумла мактабҳои католикӣ). Аз 85 донишгоҳ 38-тоаш давлатӣ мебошад. Мактабҳои олии намоёни мамлакат: Донишгоҳи Буэнос-Айрес, Донишгоҳи католикии Аргентина (хусусӣ), донишгоҳҳои миллӣ дар Ла-Плата, Кордова, Росарио, Тукуман, Мендоса, Санта-Фе (ҳама давлатӣ); донишгоҳҳои Эл-Салвадор, Маймонидес, Сан-Андрес, Палермо ва ғ. (хусусӣ).

Дар замони мустамлика будани А. таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби олимони муҳоҷир дар маъбадҳои католикӣ бурда мешуд. Аз а. 19 донишгоҳҳо, лабораторияҳо ва музейҳо марказҳои илм гардиданд. Муассисаҳои илмии куҳантарин: Академияи миллии тиб (1822, Буэнос-Айрес), Академияи илмҳо (1873, Кордова), Академияи миллии илмҳои дақиқ, физика ва табиатшиносӣ (1874), Лабораторияи электротехникии назди Донишгоҳи Буэнос-Айрес, Музейи ботаникӣ (1870, Буэнос-Айрес), Расадхона (1871, Кордова) ва ғ. Соҳаи илмро дар мамлакат Котиботи федералӣ оид ба илм ва техника ва Шӯрои давлатӣ оид ба илм муттаҳид ва танзим мекунанд. Аз ибт. а. 20 дар А. зиёда аз 1000 ин-ти илмию тадқиқотӣ ва лабораторияҳо фаъолият доранд, зиёда аз 400 номгӯи нашрияҳои илмию информатсионӣ ба табъ мерасанд. А. барномаи хусусии ядроӣ дошта, с. 1957 реактори таҳқиқотӣ ва с. 1974 аввалин дар Америкаи Лотинӣ реактори тиҷоратиро сохта ба истифода дод. Объектҳои ядроӣ бо истифода аз технологияҳои аргентинӣ дар Перу, Алҷазоир, Австралия, Миср сохта шудаанд. А. узви Шӯрои мудирони МАГАТЭ буда, паҳн нагардидани яроқи ядроиро пуштибонӣ ва таъмини бехатарии глобалии ядроиро дастгирӣ менамояд. А. якчанд ҳамсафари маснуии заминро ба мадор бароварда (1990, 1996, 2007), Агентии кайҳонии CONAE ва расадхонаи таҳқиқкунандаи шуоъҳои кайҳониро дар музофоти Мендоса дорост.

Адабиёт. Ҷиҳати фарқкунандаи адабиёти А. мувоҷеҳ будани ӯ ба адабиёти Ғарб аст. Чунки таърихан аҳолии он аз ҳисоби муҳоҷирони кишварҳои гуногуни Европа пурра шуда, ҳар қавм ин ҷо «адабиёти худро» меовард. Дар асарҳо ба ҳам омадани анъанаҳои маҳаллӣ бо анъанаҳои европоӣ (бештар метрополияи испанӣ) ва умумиҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Солҳои 1810 – 80 класситсизми инқилобии ватандӯстона (Б. де Монтеагудо, П. Риварола, Э. де Лука), баъди эълон шудани истиқлолият ҷараёни романтизм ҳукмрон шуд (Э. Эчеверриа, Х. М. Гутеррес, Д. Сарменто). Адабиёт ва назми «гуачо» – инъикоскунандаи ҳаёти чӯпонон ва чорводорони калон – падидаи хоси адабӣ шуд (Б. Идалго, Э. дел Кампо, И. Аскасубӣ). Дар нимаи 2-юми а. 19 адабиёти «костумбристӣ» (панду ахлоқӣ) тараққӣ кард (Х. М. Эстрада, Ф. Сикардӣ, К. М. Окантос). Солҳои 1900 – 1940 дар адабиёти А. ду иттиҳодия: гурӯҳи «Флорида» (Лугонес, О. Хорондо, Х. Л. Борхес) – шораш «санъат барои санъат» ва «Боэдо» (Р. Арлт, С. Тйемпо, А. Юнке) – бо шиори «санъат барои ҳаёт» ба майдон омаданд. Борхес ва Кортасарро «сутуни» адабиёти аргентинӣ меҳисобанд. Адибони с-ҳои 1940 – 60 бештар ба лирика рӯй меоварданд (В. Варберӣ, О. Ороско). Дар қатори асарҳои дар рӯҳи реализм эҷодшуда (Э. Л. Кастро, Э. Сабато) осори мавҳуми даркаш ба хонанда ҳаволашуда ба табъ мерасиданд (А. Биой Касарес, Кортасар). Баъди с-ҳои 70 ва 90 а. 20 адибони ҷараёни «навтарин» падид омаданд, ки бештар ба кушодани характери миллии қаҳрамонон ва талқини ғояҳои реализми нав мекӯшиданд (А. Кастило, М. Пуиг, Х. Салас). Шоирони гуманизми нав зери таъсири адабиёти замони охири англис ва италиявӣ қарор доранд. Дар байни адибони имрӯза А. Поссе, Т. Элой Мартинес, Ф. Андахазӣ мавқеи намоён доранд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. То истилои А. аз ҷониби испаниҳо дар ҳудуди мамлакат осори маданияти бадеии қабилаҳои кӯчманчии чако ва араукан, аз қабили матоъҳои мунаққаш, ҳайкалчаҳо, ашёи сафолии сирдодашудаи тасвирдор ва ғ. маҳфуз мондаанд. Баъди истилои испаниҳо маданияти ҳиндиёни А. таназзул кард. Дар давраи мустамлика биноҳо шакли одӣ дошта, аз лойкулӯлаҳои коҳдор ва похса сохта мешуданд, сохтмони хиштӣ танҳо дар Буэнос-Айрес вомехӯрд (бештар дар шакли испанӣ ва мавританӣ). Шаҳрҳои Буэнос-Айрес, Кордова, Салта, Санта-Фе дар аҳди Карли V дар шакли росткунча (бо шабакаи кӯчаҳои баробар



Аргентина. Калисои ҷомеъ дар Кордова.

тақсимшуда), ки дар мобайн майдони марказӣ ва калисои ҷомеъро ҷой медоданд, сохта шудаанд (биноҳои а. 17 ва бештар а. 18 маҳфуз мондаанд). Биноҳои динӣ асосан бо кӯшиши ордени иэзуитҳо (меъморон Ф. Лемер, Х. Краус, А. Бланкӣ, Х. Б. Примолӣ, тарҳашон салибшакл) сохта мешуданд – дайрҳои Сан-Франсиско дар Санта-Фе (1680), калисо дар Кордова (1646 – 90, бо гунбази кутраш 10-метра, меъмор Лемер). Биноҳои ҷамъиятӣ дар услуби барокко (а. 18) ва класситсизм (а. 19), қасрҳои хусусӣ дар услуби модерн сохта шуда, минбаъд сохтмони корхонаҳои саноатӣ авҷ гирифт. Аз ибт. а. 20 сохтани биноҳои бисёртабақа (меъморон А. Вирасоро, А. Вилямс, дар услуби конструктивизм) маъмул гашт. Гурӯҳи эҷодии «Аустрал» дар ҷустҷӯи шаклҳои меъмории одиву шинам буда, ба шаҳрсозии кишвар лоиҳаҳои ҷолиб пешкаш мекунад. Дар санъати тасвирии давраи мустамлика анъанаи аз Парагвай омадаи санъати кандакорӣ ва заргарии намояндагони қабилаи гуаранӣ мақоми махсус дошт. Нимаи а. 19 иртиботи маданию фарҳангии А. бо Европа фаъолтар шуда, дар санъати тасвирӣ анъанаҳои романтизми франсавӣ (рассом Р. Монвуазен, ҳайкалтарош аз Италия К. Ромайроне) бештар зоҳир мешуд. Ҳамзамон анъанаҳои тасвиргарии маҳаллӣ ривоҷ меёфт (литографияи К. Морел, мусаввараҳои П. Пуэйредон, пайкараҳои Л. Корреа Моралес). Солҳои 1900 – 20 импрессионизм (Ф. Фадер, Р. Ируртия), примитивизм (Р. Солдӣ), кубизм (Э. Петторутӣ), абстраксионизм (А. Сибеллино), чоряки авв. а. 20 анъанаҳои неореализм (реализми нав – зодаи монументализми Мексика; А. Берни, Л. Э. Спилимберго); дар давраи охир – поп-арт (А. Бернӣ, М. Минухин), «санъати кинетикӣ» (Х. ля Парк), хулоса, тамоми ҷараёнҳои санъат дар осори эҷодкорони А. инъикос гардидааст.

Мусиқӣ. Дар маданияти мусиқии аргентинагиҳо жанрҳо ва шаклҳои хоси креолҳо (аввалин испаниҳо ва португалиҳои дар А. маскуншуда) ва ҳиндиёни таҳҷоӣ инъикос ёфтааст: оҳанг ва рақсҳои анъанавии видала, сафра, тоно, эстило; аз жанрҳои замони нав – милонга, маламбо маъмуланд. Танго аз шакли нимфолклорӣ ба жанри мусиқии касбӣ табдил ёфт. Созӣ асосӣ гитара буда, аккордеон ва арфа низ дар истифодаанд. Аввалин намояндагони мусиқии касбӣ дар капеллаи Калисои ҷомеи кафедралии Буэнос-Айрес ва калисои «Ла Компания»-и Кордова таълим мегирифтанд. Дар меҳмонхонаҳо ва бошишгоҳҳои аристократияи маҳаллӣ беҳтарин асарҳои мусиқии Европа иҷро мешуданд. Аввалин театрҳои мусиқӣ нимаи дуюми а. 18 кушода шуда, то ох. а. 19 дар саҳнаҳои Буэнос-Айрес операи италиявӣ мавқеъ пайдо кард ва дар он қариб тамоми операҳои классикии Европа гузошта шуданд. Дар ох. а. 19 Буэнос-Айрес маркази ҷаҳонии дараҷаи аввали опера ҳисоб мешуд. Танҳо нимаи дуюми а. 19 аввалин композиторони касбии маҳаллӣ пайдо шуда (Ф. Харгрейвс намоёнтарини онҳо), дар мусиқиашон унсурҳои фолклори буниро бо шаклҳои академии европоӣ омезиш медоданд. Композиторони А. с-ҳои 30 а. 20 ба ду гурӯҳ – ҷонибдорони равияи сирф миллӣ ва равияи модернистию космополитӣ ҷудо шуданд. Асарҳои дар ох. а. 20 дар жанри *танго* эҷодкардаи А. Пятсала (Пьяццала) машҳури ҷаҳон гардидаанд. А. Хинастера бузургтарин композитори а. 21-и А. ба ҳисоб меравад. А. 18 дар театри А. дастаҳои балети ба сафари ҳунарӣ омада баромад мекарданд (мас., «Жизел»-и А. Адан, басаҳнагузорандагон Ж. Кораллӣ ва Ж. Перро). Гурӯҳи балетии с. 1925 ташаккулёфтаи таҳҷоӣ (роҳбараш А. Р. Болма) дар бинои театри «Колон» машқ ва баромад мекард. Ҳунарпешагони санъати балети Россия аз с. 1910 дар саҳнаи ин театр зиёд баромад карда, ин ҳамкориро то имрӯз идома медиҳанд. Солҳои 1980 – 90 бисёре аз артистони балети А. шӯҳратманд шуда, дар бузургтарин театрҳои ҷаҳон баромад мекунанд. Иҷрокунандагони «рақси модерн» ва рақсҳои миллии аргентинӣ, махсусан танго дар тамоми олам эътироф шудаанд. Аввалин пйесаҳои миллӣ – трагедияҳо, сайнетҳо (мазҳакаҳои мусиқии миллӣ) ох. а. 18 навишта шудаанд. Репертуари театрҳои он давр асосан аз пйесаҳои испанӣ иборат буда, ҳамзамон асарҳои муаллифони миллӣ (А. Моранте) ба саҳна гузошта мешуданд. Драматургони аргентинӣ дар замони диктатураи Х. Росан асосан дар муҳоҷират эҷод мекарданд. Нимаи дуюми а. 19, бо вуҷуди ба кор даромадани театрҳои зиёд, дар саҳна асосан ҳунарпешаҳои хориҷӣ ҳунармандӣ менамуданд. Солҳои 80 а. 19 театрҳои А. ба романтизм ва тасвири ҳаёти табақаҳои поёни ҷамъият рӯ овардаанд. Шакли намоиши ба ном «театри гучо» (як навъи мелодраммаи романтикӣ) тараққӣ кард. Дар а. 20 санъати театрии А. низ ба ду равия – реалистӣ ва авангардӣ тақсим шуда, бештар моҳияти тиҷоратӣ гирифт. «Театрҳои мустақил» ба анъанаҳои ҳаққонии театр, ба мавзӯъҳои миллӣ рӯ оварда аз таҷрибаи бойи театрҳои европоӣ ва системаи К. С. Станиславский бархурдор шуданд. Солҳои 60 дар театри А. тамоюлҳои реализми нав ва «театри абсурд» (театри мавҳум) зоҳир гашта, минбаъд ин соҳаи санъати А. ба ҳаракати «Эҷодиёти дастҷамъӣ»-и Америкаи Лотинӣ, «Театри кушод»-и таъсисдодаи О. Драгун, умуман ба раванди демократикунонии театр пайваст. Машҳуртарин режиссёрон ва актёрони а. 20-и театри А.: А. Боэро, П. Аскинӣ, К. Горастис, Ф. Петронӣ, О. Грассо, Х. Гарсиа, Х. Сибериан, М. Лусиано ва дигарон. Театри А. дар сафи пеши ин намуди санъати Америкаи Лотинӣ қарор дошта, Буэнос-Айресро «пойтахти театр» ва ҳаракати фестивалии ҷаҳон мешуморанд.

Кино. Аввалин филми кӯтоҳметражи «Байрақи Аргентина»-ро с. 1897 оператори франсавӣ Э. Пӣ ба навор гирифт. Филми «Парондани Доррего» (1908, реж. М. Галйо) аввалин таҷриба буд дар соҳаи кинематографияи бадеӣ. Соли 1930 бори аввал филми овоздор рӯйи навор омад. Соли 1933 филми «Танго» (реж. Х. Моля Барт) бо иштироки ҳунармандони машҳур Либертад Ламарк, Т. Морелйо, Л. Сандрини ва К. Гардел ба навор гирифта шуд. Соли 1956 Ин-ти кинои миллӣ таъсис ёфт. Режиссёрони насли калонсол дар рӯҳияи реалистӣ фаъолияти хешро идома дода, филмҳои Демаре («Баъди сукут», 1956, «Сафра», 1959), Дел Каррил («Ин замини ман», 1960), Ф. Аяла («Пешво», 1958) эҷод шуданд. Аз миёнаҳои с-ҳои 80 санъати кинои миллии А. рӯ ба тараққӣ ниҳод ва бештар филмҳои таърихӣ рӯи на-

вор омаданд. Дар офаридани филмҳо доир ба тақдири занон нақши М. Луиса Бемберг бо филмҳои «Камила» (1984), «Хонум Мэрӣ» (1986), «Бадтарин зан» (1990) калон аст. М. Пинейро («Аспони ваҳшӣ», 1996), А. Аристарайн («Мартини хурдӣ», 1997), «Ҷойи умумӣ», 2002), Х. Хосе Кампанеля («Писари арӯс», 2001) режиссёрони машҳури А. ба ҳисоб мераванд. Дар Мар-дел Плата с-ҳои 1954 – 70 кинофестивалҳои байналхалқӣ гузаронда мешуданд (охиринаш с. 1996). Аз с. 1998 кинофестивалҳои байналхалқӣ дар Буэнос-Айрес баргузор мегарданд. Силсилафилмҳои телевизионии А. дар шабакаҳои телевизиони Россия ва Тоҷикистон (дар тарҷума) намоиш дода мешаванд.

Матбуот, радио, телевизион. Дар А. матбуоти даврӣ хеле инкишоф ёфта, бештар мустақил аст. Рӯзе наздики 2 млн нусха рӯзнома (зиёда аз 349 номгӯй) нашр мешавад; машҳуртаринашон: «Clarin» (аз с. 1945), «La Nacion» (1879), «Cronica» (1963), «Financiero» (1976), «La Prensa» (1869). Дар А. 260 радиостансияи давлатӣ ва хусусӣ мавҷуд аст. Намоишҳои телевизиониро панҷ шабакаи умумимиллӣ нишон медиҳанд. 22 музофот ва ш-ҳои бузурги А. пойгоҳҳои телевизионии худро доранд. Барномаҳои телевизионии А. барои тамоми сокинони Америкаи Лотинӣ ва испанизабонони тамоми қитъаи Америка дастрас аст.

Ад.: Культура Аргентины. Сборник статей, М., 1977; Новая Российская Энциклопедия, М., 2005; Страны мира (Современный справочник), М., 2008. *Х. Муҳаббатов.*

АРГЕНТӢНАГИҲО, халқ, аҳолии аслии Аргентина. Ҳамчунин дар Парагвай, Уругвай, Чилӣ, ШМА, Мексика зиндагӣ доранд. Ба лаҳҷаи аргентинавии забони испанӣ такаллум мекунанд; дар Буэнос-Айрес лаҳҷаи лунфардо (омехтаи забони испаниявию италиявӣ) роиҷ аст. Хаташон лотинист. Ибт. а. 21-ум 40 млн нафар буданд. Эътиқодмандон католикҳо, протестантҳо ва яҳудиҳоянд. Аз оғози мустамликаи Испания гардидан (а.16) шаклгирии ҷамоати А. шурӯъ гардид; рушди мустақилонаи қабилаҳои ҳинду, ки аслан аз ибтидо муқимӣ буданд, боздошт шуд ва онҳо зуд аз байн рафтанд ё ба дигар гурӯҳҳои аҳолӣ омезиш ёфтанд. Миллати А. аз гурӯҳҳои ҷудогонаи миллату халқиятҳо – испаниягиҳо, креоловҳо, дурагаҳо, ҳабашҳо ва мулатҳо таркиб ёфтааст. Дар ибт. а. 21-ум 85%-и А. аллакай асли европавӣ доштанд.

Б. Раҳматов.



Кристаллҳои аргентит.

АРГЕНТӢ́Т (лот. argentums – нуқра), минерал, формулаи химиявиаш Ag_2S. Таркибаш аз 87,1% Ag ва 12,9% S иборат аст. Дар системаи кубӣ кристалл мебандад, кристаллаш кам дучор мешавад. Асосан дар шакли зарраҳо, мӯякҳои борики ба ҳам часпида, хока ва ғ. вомехӯрад. Рангаш аз сафеди сурбмонанд то сиёҳи зардчатоб. Сахтиаш 2 – 2,5; зичиаш 7200 – 7400 кг/м^3. А. бо дигар минералҳои нуқрадор дар конҳои нуқра ва баъзан дар таркиби минералҳои кобалту никел, сурбу руҳ вомехӯрад. А. аз минералҳои муҳими нуқра ба ҳисоб меравад.

АРГИЛЛӢ́Т (юн. argillos – гил ва lithos – санг), ҷинси гилии сангмонанд, ки дар натиҷаи сахт фишор хӯрдан, зич шудан, хушкшавӣ ва часпиши гилҳо ба вуҷуд меояд. Таркиби А. ба гил наздик буда, аз он бо сахтӣ ва дар об ҳал нашуданаш фарқ мекунад. Асосан аз минералҳои гилии навъи гидроабрақӣ, монтмориллонитӣ ва хлоритӣ, ки омехтаи зарраҷаҳои кварс, абрақ, шпатҳои даштӣ доранд, таркиб ёфтааст. Ба мисли гил қабатҳои ғафс ё тунуки тахта-тахтаро ташкил медиҳад. А. ба минтақаҳои геосинклиналии чиндор мансуб буда, дар байни ҷинсҳои таҳшини чуқурхобидаи платформа низ дучор мешавад.

АРГИШТИХИНИЛӢ, шаҳр дар Урарту. Дар замони Аргишти I (тақр. 776 то м.) сохта шудааст. Харобаи А. дар ноҳ. Октемберяни Арманистон воқеъ аст. Мувофиқи маълумоти навиштаҷоти мехӣ урартҳо водии Араратро забт намуда, қалъа, қасру ибодатхонаҳо сохта, гирду атрофро ба боғу токзор табдил доданд. Дар ин ҷо а. 4 то м. ш. Армавир – пойтахти Арманистони Қадим сохта шуд.



Боқимондаҳои Аргиштихинилӣ.

А́РГО (франс. argot), тарзи гуфтори аҳли ягон табақаи ҷамъият, ки ба маҳалле алоқаманд нест; аниқтараш забони табақаҳои ғайрисинфии ҷамъият ва бинобар ин А.-ро забони махсуси ҳарбиён, шикорчиён, варзишгарон, савдогарон, дуздону қартабозон низ мегӯянд. А. таърихан аз лаҳҷаи гуфтори савдогарони оворагард ва косибон пайдо шуда, ба машғулияту пешаи одамон пайвастагии зич дорад. А. системаи алоҳидаеро ташкил надода, дар қолиби ифодаи забони умумӣ истифодаи махсуси калимаҳо мебошад ва бо *жаргон* ва забони гуфтугӯӣ алоқаманд буда, ҷиҳати махсуси лексикиро ташкил медиҳад. А. аз жаргон фарқ мекунад, зеро жаргон чун воситаи муошират касбии ин ё он соҳа ба шумор меравад, А. бошад, дар миёни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ маъмул буда, сарҳад ва ҳудуди касбию соҳавӣ надорад. А. дар забони адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаи тавсифи услубӣ, махсусан дар нутқи персонажҳо ва баъзан дар нутқи муаллиф ҳангоми нақли батафсил истифода мешавад.

Ад.: Жирмунский В. М., Национальный язык и социальные диалекты, Л., 1936; Скворцов Л. И., Жаргонная лексика в языке современной художественной литературы, дар мақм. «Вопросы культуры речи», вып. 7, М., 1966; Грачев М., Гуров А., Рябинин В., Словарь уголовного жаргона, М., 1991. *Т. Хаскашев.*

АРГО́Н (лот. Argon), Ar, элементи химиявии гурӯҳи VIII системаи даврии Менделеев, гази инертӣ; рақами ат. 18, массаи ат. 39,948. Дар ҳолати муқаррарӣ А. гази беранг, бебӯй ва бемаза аст. Дар табиат А. танҳо дар ҳолати озод дучор мешавад. Атмосфера $16 \cdot 10^{12}$ m, қишри замин $0{,}165 \cdot 10^{12}$ m, об $0{,}752 \cdot 10^{12}$ m А. доранд. Дар таркиби ҳаво 0,98% А. ҳаст. А.-и атмосферӣ аз се изотопи устувор – ^{36}Ar (0,337%), ^{38}Ar (0,063%) ва ^{40}Ar (99,60%) иборат мебошад. Аз сабаби зиёд будани изотопи ^{40}Ar массаи атомии он аз массаи атомии К, ки дар системаи даврии Менделеев аз он пеш меистад, зиёдтар аст. Аз изотопҳои радиоактивии сунъии А. барои нишонаи радиоактивӣ ^{37}Ar (давраи нимкоҳишаш 35 шаборӯз) кораш аст. Зичии А. (дар 0°C, 101325 н/м^2) 1,7839 кг/м^3, ҳарор. гудозиш –189,3°C, ҳарор. ҷӯшиш – 185,9°C. Дар 1 л об

дар шароити муътадил 51,9 м³ А. ҳал мегардад. А. дар металлҳо ҳал намешавад. Молекулаи А. якатома аст. Ҳамаи кӯшишҳои ҳосил кардани пайвастҳои валентии А. бенатиҷа анҷом ёфтанд. А. бо пайвастҳое, ки дар панҷараҳои кристаллии худ ковокии андозааш тақр. ба андозаи А. мувофиқ доранд, пайвастҳои мудохил (клатратҳо) ҳосил мекунад, мас., бо H_4O, D_2O, фенол, гидрохинон ва ғ. Аз онҳо $Ar{\cdot}6H_2O$ бештар омӯхта шудааст. Дар пайвастҳои мудохил, мас., дар $SO_2{\cdot}\ 6H_2O$ изоморфи SO_2-ро бо Ar иваз кардан мумкин аст. Ин барои дар фишори мӯътадил синтез кардани $Ar{\cdot}6H_2O$ имконият медиҳад. Дар саноат А.-ро аз ҳаво дар натиҷаи сахт хунук кардани он ҷудо мекунанд. А.-ро аз дигар газҳои инертӣ бо усули газохроматографӣ низ ҷудо кардан мумкин аст. А. ҳангоми таҳвили ҳароратии металлҳое, ки зуд оксид мешаванд, васеъ истифода мегардад. Дар ҳавои А. металлҳои камёфт ва рангаро кафшер мекунанд, Ti, W, Zr ва ғ-ро мегудозанд. Бо А. чароғҳои барқиро пур менамоянд (А. суръати бухори волфрамро суст ва равшании онро зиёд мекунад). А.-и радиоактив баъзан барои назорати системаҳои ҳавотозакунӣ кор фармуда мешавад.

М. Самиев.

АРГӮЛ, аррагул, як навъ пӯсти қарокӯлист. Пашмаш зич, абрешиммонанди ҷилодор. Андозаи печи мӯяш калон (як намудаш калонгул аст). Дар Афғонистон маъмул мебошад.

АРГӮЛЁЗ (Argulosis), як навъ касалии моҳӣ. Ангезандааш харчангчаҳои ҷинси Argulus. Хусусан А. foliaceus нисбатан хатарнок аст. Дарозии баданаш 5 – 6 мм; дар ғалсама ва пӯсти гулмоҳию хормоҳӣ зиндагӣ мекунад. Он ба моҳӣ часпида, пӯсту пардаи ғалсамаро мешикофад ва хунашро мемакад. Аз ҷои газидаи харчангча ба бадани моҳӣ бактерия ва вирусҳо дохил шуда, касалиҳои гуногуни сироятиро ба вуҷуд меоваранд. Аз А. хусусан гулмоҳичаҳо зарари ҷиддӣ мебинанд. Бо мақсади муолиҷаи касалӣ ба қабати болои ваннаҳои дуқабата маҳлули 0,001-фоизаи перманганати калий рехта, моҳиҳои касалро ба он сар (30 дақ.) медиҳанд.

Ҳ. Расулов.

АРГӮМЕНТ (лот. argumentum – асос), 1) ақида ё маҷмӯи ақидаҳои ба ҳам алоқаманд, ки барои исботи дурустии ақидаи дигар (ё системаи ақидаҳо, нуқтаи назар, назария ва ғ.) оварда мешавад; 2) А.-и функсия, тағйирёбандаест (тағйирёбандаи новобаста), ки қимати *функсия* ба қимати он вобаста аст; 3) А.-и адади комплексии $z = x + iy$ кунҷест, ки онро радиус-вектори нуқтаи $M(x, y)$ бо тири OX ташкил медиҳад; 4) А. дар фалсафа, ниг. *Далел.*

АРГӮМЕНТИ АРЗ (дар астрономия), бузургие, ки мавқеи ҷирми осмониро дар мадор муайян мекунад; кунҷи байни хати гиреххо ва радиус-вектори ҷирм. А. а.-ро аз гиреҳи фарози мадор ба самти ҳаракати ҷирм ҳисоб мекунанд.

«АРГУМЕ́НТЫ И ФА́КТЫ», ҳафтаномаи маъруф ва бонуфузи Федератсияи Россия (ФР). Аз с. 1978 нашр мешавад. Танҳо дар ФР доираи хонандагонаш 7 млн нафарро ташкил медиҳад. Дар 60 кишвари дунё муштарӣ дорад. Дар 66 минтақаи ФР ва 16 кишвари хориҷӣ дорои шабакаҳо мебошад. Соли 1990 аз рӯйи теъдоди нашраш (33431100 нусха) ба Китоби рекордҳои Гиннес дохил шудааст. Дек. 2006 дар ш. Лондон байни нашрияҳои ғайрианглисӣ соҳиби «Ҷоми булӯрин» гаштааст. «А. и ф.» то замони истиқлолият дар Тоҷикистон маҳбубияти зиёд дошт, вале баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ нашри он дар Тоҷикистон қатъ гардид. Дек. 2006 байни нашрияи «А. и ф.» ва ҶММ «Оила» дар хусуси интишори он дар Тоҷикистон шартнома баста шуд. Аз янв. 2007 бо номи «Аргументы и факты. Таджикистан» дар матбааи «Оила-принт» чоп мешавад. Ибтидо дар ҳаҷми 32 саҳифа нашр мешуд, ки 24 саҳифаи он матолиби иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, фарогатӣ, варзишии аз ҷониби дафтари Москва таҳияшуда ва 8 саҳифааш мавзӯъҳои зикршударо аз ҳаёти Тоҷикистон дар бар мегирифт. Аз ох. с. 2009 дар ҳаҷми 24 саҳифа ба табъ мерасад. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ба фурӯш расонда мешавад. Теъдоди нашраш 8600 нусха (2010). *Н. Шарипов.*

АРГӮН (хитойӣ – Хайлар), дарё дар Россия ва Хитой. А. бо д. Шилка якҷоя д. Амурро ташкил медиҳад. Дарозиаш 1620 км, масоҳ. ҳавзааш 164 ҳазор км². А. аз кӯҳҳои Хингани Калон (Хитой) оғоз ёфта, дар водии васеъ ҷорӣ мешавад (саргаҳаш ин ҷо Хайлар ном дорад). А. дар дарозии 1300 км сарҳади давлатии байни Россия ва Хитой аст. Манбааш – асосан борон. Дар мавсими серобриш бо ҳавзаи кӯли Далайнор ҳамроҳ мешавад. Шохобҳои асосиаш аз чап – Урюмкан, Газимур (дар ҳудуди Россия), аз рост Гэн-хэ, Нюэрхэ (дар ҳудуди Хитой). Дар ҳавзаи А. зиёда аз 1800 кӯл мавҷуд аст. Дар А. киштигардӣ доимӣ нест. Дар А. қариб 60 намуди моҳӣ мавҷуд аст.

АРГУНО́ВСКАЯ Евгения Васильевна (тав. 23. 4. 1926, Тошканд), актрисаи театр. Артисткаи халқии Тоҷикистон (1974).



Хатмкардаи шӯъбаи актёрии Ин-ти давлатии театрию рассомии ба номи Островскийи ш. Тошканд (1950). Дар Театри давлатии драмаи русии ба номи В. Маяковскийи ш. Душанбе ба кор оғоз намуда, беш аз сию панҷ сол дар саҳнаи он ҳунарнамоӣ кардааст. Соли 1990 ба Россия ҳиҷрат намудааст. А. дар офаридани ролҳои драмавӣ маҳорати баланд дошт, чиҳатҳои психологӣ ва эмотсионалии образҳоро бо назокати хос таҷассум менамуд, бештар ба чиҳатҳои рӯҳии қаҳрамонон диққат дода, ботинашонро ҳаққонию боварибахш мекушод. Бехтарин ролҳои офаридаи А.: Бибизайнаб («Достони Бибизайнаб»-и С. Саидмуродов), Зулфия («Фоҷиаи Усмонов»-и М. Миршакар), Вера («Одамони пургайрат»-и В. Шукшин), Дорина («Тартюф»-и Ж. Молер), Розия («Арӯси нохонда»-и И. Исмоилов ва Ю. Нестеренко), Нина («Садоқат»-и Н. Погодин), Варвара («Мерос»-и А. Сафронов), Кабато («Хонума»-и А. Сигарелӣ), Сусанна Мелитовна («Аз се то шаш»-и А. Чхаидзе), Зина («Палата»-и С. Алёшин) ва ғ. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медалҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. сарфароз гардидааст.

АРҒАМЧӢН, банди ғафс, ки аз нахи пахта, пашм, наххои сунъӣ ва симҳои металлӣ, аз ҷумла пӯлодӣ бофта мешавад. Ғафсиаш то 110 мм мешавад. А.-и металлиро аз се ва зиёда симҳо, А.-ҳои ғайриметаллиро аз наххои табиию сунъӣ мебофанд. Барои ҳимоя аз намӣ А.-ро дар зифт ё омехтаи махсус меҷаббонанд. Ҳоло бинобар арзону пурқувват будан, бештар А.-ҳои сунъӣ истҳсолу истифода мешаванд.

АРҒАНКӮЛ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Сангвори ноҳ. Тавилдара. Аз деҳа то маркази ноҳия 52 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 486 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ, чорводорӣ,

боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ. Заминҳо аз канали Осиёбдара ва дарёчаи деҳа обёрӣ мешаванд. Олим ва омӯзгори машҳур Абдулло Гирдаков дар ҳамин ҷо ба дунё омадааст.

АРҒА́Ч (Cuscuta lehmanniana), гиёҳест яксола. Мансуби захрпечакиҳост. А. реша ва барг надорад, танааш серпулакча, пояш шохронда, сурхи бӯртоб, гулаш бунафш. Ғӯзааш байзашакл аст (3 – 4 тухм дорад). А. дар Осиёи Марказӣ (аз ҷумла дар Тоҷикистон), Эрон ва Афғонистон паҳн шудааст. А. ҳар гуна алаф, бутта ва дарахтонро пахш карда, шираи онҳоро мемакад. Дар натиҷа ҳосил кам ва растанӣ хушк мешавад. А.-ро бо ёрии гербисидҳо ва воситаҳои биологӣ нест мекунанд.

Ад.: Комаров Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967.

АРҒОНА́К, деҳа дар ҷамоати деҳоти А. Лоҳутии ноҳ. Ховалинг. Аз А. то маркази ноҳия 39 км, то маркази вилоят 240 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 366 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АРҒӮ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланди ноҳияи Истаравшан. Аз А. то маркази шаҳр 5 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1220 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ, чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз оби чашма ва чоҳҳои зеризаминӣ обёрӣ мешаванд.

АРҒУВО́Н (Cercis siliquastrum) арғавон, як намуди бутта ё дарахти ороишӣ. То 10 м қад мекашад (қутраш 7 – 10 м). Пояш ғафс (50 – 60 см), пӯстлохи поя ва навдаҳои калонаш сурхи ҷигарӣ, сиёҳтоб. Баргаш калон (дарозиаш 5,5 – 8 см), яклухт, гурда ё дилшакл; рӯяш сабз, пушташ кабуди чармгун. Гулаш дуҷинса, гулобӣ ё арғувонии бунафш ва хеле зебо. Гулбаргҳояш гирдаи тухмшакл. Самараш (дарозиаш 7 – 10 см) ғилофаки ҷигарӣ, тухмаш сиёҳи ҷилодор. А. баҳорон (апр. – май) то баромадани барг гул мекунад (даврааи гулшукуфташ як моҳ аст). А.-ро аз тухм ва бо роҳи фарғучу қаламча зиёд мекунанд. Дар мамлакатҳои соҳили Баҳри Миёназамин, Осиёи Хурд, Сурия, Лубнон, Эрони Шимолӣ мерӯяд. Ба Тоҷикистон с. 1934 оварда шудааст. Тухмашро аз 21 март то 20 апр. мекоранд. Барои зуд неш задан ба болои тухм реги нам мепошанд. А. аз тухмҳои ба замин рехтааш низ



Арғувон.

зиёд мешавад. Аз гули А. шира мегиранд ва онро барои рафъи илтиҳоби даҳону халқ ва амрози меъдаву гурда истифода мебаранд. А.-ро чун дарахти ороишӣ дар боғу растаҳои шаҳру деҳот парвариш мекунанд. Барои нашъунамои хуби А. махсусан обу ҳавои водии Ҳисор мусоид аст. А. 50 – 70 сол умр мебинад.

Ад.: Вилисова В. В., Запрягаева В. И. (ва диг.), Деревья и кустарники, дар кит. Растения для декоративного садоводства Таджикистана, М., 1986; Луферов А. Н., Замятина Н. Г., Каталог растений Ботанического сада Московской медицинской академии им. И. М. Сеченова, М., 2007.

АРҒУВО́Н (номи пештарааш Чағатойи Боло), деҳа дар ҷамоати деҳоти Дӯстии ш. Ваҳдат. Аз А. то ш. Ваҳдат 15 км; роҳ қисман асфалтпӯш. Аҳолиаш 222 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, ғаллакорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АРҒУВО́НИ КӮҲӢ, ниг. *Шулаш.*

АРҒУНУ́Н (юн. organon – соз), сози мусиқии қадимаи юнониён. А. як навъи созҳои забончадору бодист. А. портативӣ, дастӣ, позитивӣ ва бузург мешавад. А. сози нисбатан мураккаб буда, аз қисмҳои зерин иборат аст: найчаҳо (дами ҳаводеҳ ва найҳои ҳавогузарони чӯбӣ), дастгоҳи танзим (чойи клавишҳо барои даст ва пой), вентилятор ва муҳаррики электрӣ. Дар тарафи чапу рости арғунуннавоз воситаҳои навозиш – дастаҳои бӯъдӣ, тугмаҳо ва фишангҳои кумакӣ ҷой дода шудаанд, Найҳо ва найчаҳои ҳавогузарон дар дохили баданаи чӯбии А. насб шудаанд. Намои А.-ро найҳои қатори устувонавӣ оро медиҳанд, вале қисман ин найҳо барои навохтан низ истифода мешаванд ва ду тарзи садобарорӣ – лабӣ (ҳавоӣ) ва резонаторӣ (садо дар натиҷаи ларзиши пластинаи оҳангӣ ҳосил мешавад) доранд. Гурӯҳи найчаҳои як тембр, ки тамоми диапазони А. ва ё як қисми онро ташкил медиҳанд, бӯъди А. ном доранд ва аз як мавод таркиб ёфта, дорои шакли якхела мебошанд. Дарозии найчаҳои садобарор (аз якчанд мм то 10 – 11 м) ба фут андоза мешаванд. Найҳои А. аз руҳ, филизи махсус, ҳамчунин гили кулолӣ, чӯб, коғаз ва пластмасса сохта мешаванд. Теъдоди бӯъдҳо андозаи А.-ро муайян мекунанд. А.-и хурд аз 1 то 16 бӯъд, миёна – аз 17 то 35, калон – аз 36 то 80 ва А.-и бузург аз 81 то 200 ва зиёда аз он бӯъд дорад. Бӯъдҳо ҳар яке дорои номи хос мебошанд. Найҳои бӯъде, ки 8 фут дарозӣ доранд, мувофиқи сабти нотавӣ садо мебароранд: 4 ва



Арғунуни Ригер-Клосс дар толори Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

2-футӣ 1 – 2 октава боло ва 16 – 32-футӣ 1 – 2 октава поён. Ҳар як найчаи бӯъдҳои асосии А. фақат як хел садои бетағйир (аз назари баландӣ, тембр ва қувва) мебарорад. Барои ифодаокии садо арғунсозон механизми наве ихтироъ намудаанд, ки ба воситаи он баъзе садоҳо гӯё аз дур меоянд. Чунин навъи А.-ҳо с. 1670 дар Англия пайдо шуда, аз с. 1712 маъмул гаштанд ва А.-ҳои франсавии а. 19 (А.-и толори калони Консерваторияи Москва) аз беҳтарин ва мукаммалтарин намунаҳои он мебошанд. Дар а. 19 барои А. боз як механизми нав ихтироъ гардид, минбаъд А. ба воситаи наварди садо мебароварда ва баъзе бӯъдҳои он созҳои қадимтарини азбайнрафтаро ба хотир меоварда. Найҳо зери фишори боде, ки ба воситаи дам ба меъёри муайян равона мешавад, садо мебароранд. То миёнаҳои а. 19 ҳаво ба дамҳо ба воситаи насосҳои дастӣ равона мегардид. Дар А.-ҳои имрӯза аз муҳаррики электрӣ истифода мебаранд. Бо он ҳама мураккабӣ А.-ро як кас менавозад. А. аз 1 то 7 мануал (дастгоҳе, ки дар он клавишҳо барои даст ҷойгиранд) дорад, ки теъдоди клавишҳо дар он ба 60 – 62 (5 октава, аз С то с) мерасанд.

Клавиатураи пойӣ (педал) 32 клавиш дорад (2 2/3 октава, аз С то д) ва он ба нӯги по ва пошна пахш мешавад. Созҳои волинка, шэн (Хитойи Қадим) ва найи Пани европавӣ тимсоли А. мебошанд. Шакли қадимаи А. гидравлос (А.-и обӣ) аст, ки онро дар Искандария (а. 3 то м.) Ктесибия ихтироъ намуд. Мисриёни қадим, юнониён, римиён ва аҳли Византия А.-ро дар мусиқии дунявӣ (дар сапреҳо, сирк, театр ва маҷлисҳои дарборӣ) истифода мекарданд. Соли 660 папаи Рим Виталиан А.-ро дар мусиқии обидонаи калисо кор фармуд. Соли 980 дар калисои Уинчестер (Англия) А.-и 400 най ва 2 мануаладор пайдо шуд. Қисмбандии найҳо мувофиқи регистр (бӯъд) аз а. 12 оғоз ёфт. Шакли муосири А. тақр. ба а. 16 мувофиқ меояд. Дар Италия ҳанӯз барои А. аз а. 14 Ф. Лезеро, Д. да Качча ва Ф. Ландино асарҳо эҷод кардаанд. Намояндаи бузурги арғунуннавозӣ дар Испания А. де Кабесон буд. Услуби ӯро И. Кабанилес пайравӣ карда, ба он обуранги хос ва тобишҳои бисёровозӣ бахшид. Намояндагони машҳури ин санъат дар а. 17 арғунуннавозони оҳангсоз С. Шайдт, И. Я. Фробергер, И. А. Рейнкен, В. Любек ва дигарон буданд. Баъди онҳо (нимаи авв. а. 18) бузургтарин арғунуннавозу композитор И. С. Бах ба арсаи санъати ҷаҳонӣ омад. Ҳамчунин Ф. Менделсон, Ф. Лист, М. Дюпре, П. Хиндемит, Г. Трекслер (Германия), Н. Давид (Австрия), М. Майзес (Чехия), Б. Шабелский ва Ж. Гандшин, Н. Вакадзин, И. Браудо, А. Гедике, Л. Райзман, В. Бакеева, А. Котляревский, Н. Оксентян, В. Стамболсия, З. Ҷафарова, С. Дайч, О. Янченко, Л. Дигрис, Х. Лепнурм, Р. Уусвяли (аз шӯравӣ) маълуму машҳуранд. Консертҳои А. дар хориҷа, одатан, дар калисоҳо – ҷойе, ки А.-ҳои беҳтарин мавҷуданд, ташкил мешаванд. Э. Каспарини, З. Хилдебрантд (а-ҳои 17 – 18), Ладегаст (А.-и ӯ с-ҳои 1885 – 1959 дар толори хурди Консерваторияи Москва гузошта шуда буд) беҳтарин А.-ҳоро сохтаанд. Навъи нави «А.»-и романтикӣ»-ро а. 19 А. Кавайе-Кол (ягона А.-и сохтаи ӯ дар толори калони Консерваторияи Москва гузошта шудааст) ихтироъ кард.

А.-и Калисои Домро фирмаи немисии Валкор сохтааст. Он басо бузург буда, 117 бӯъд, 4 мануал ва педал дорад. А.-ҳои фирмаи Чехословакия «Ригер-Клосс» дар толори ба номи П. Чайковскийи Москва, Театри операи Одесса, Консерваторияи Қазон, толори консертии «Баҳор»-и Тошкент, Филармонияи Ереван, толори консертии «Эстония» насб гардидаанд. Аз А.-ҳои фирмаи А. Шуке (Потсдам) дар консерваторияҳои Горкий, Тбилисӣ, Алма-ато, толори хурди Консерваторияи Москва истифода мебаранд. Дар адабиёти бадеӣ ва маъхазҳои таърихии форсу тоҷик (а-ҳои 9 – 17) оид ба А. ва тарзи навохти он маълумоти зиёде вомехӯрад. Чунин маълумотро аз таснифоти Абуабдуллоҳи Хоразмӣ (а. 12), Кавкабии Бухороӣ (а. 15), Дарвешалии Changӣ (а. 17) ва ғ. пайдо карда метавонем. Мас. Абуабдуллоҳи Хоразмӣ аз асбоби торӣ будани А. ва шакли кадумонанд доштани он хабар медиҳад. Кавкабии Бухороӣ мавҷудияти А.-и даҳониро зикр кардааст. Дарвешалии Changӣ мегӯяд, ки А. сандуқмонанд буда, 900 тор дошт ва онро 40 кас менавохт. А.-и якторааи ҳиндӣ низ машҳур будааст. Дар Тоҷикистон нахустин А. дек. 1979 дар толори консертии ДДСТ ба номи М. Турсунзода насб гардид, ки он маҳсули фирмаи чехии Ригер-Клосс буда, 28 бӯъд, 2 мануал, педал ва швеллер (оҳанпардаи новашакл) дорад. Бо пайдоиши А. дар ҷумҳурӣ композиторон як теъдод асарҳое эҷод намуданд, ки «Хаёлот ва пассакаля»-и Б. Пиговат, «Достони миллӣ» ва силсилаи овозии «Рубоиёти Умари Хайём» барои баритон ва А.-и Ю. Мамедов, достони «Тасниф»-и Х. Ниёзӣ аз ҳамин ҷумлаанд. Аввалин арғунуннавози тоҷик Дилбар Валаматзода ва Ёқуб Орифов буданд. Соли 2011 толори А. бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таъмир гардид ва 25 июн ба истифода дода шуд. Ба ҳамин муносибат дар ш. Душанбе фестивали «Навои Арғунун» баргузор гардид. *Д. Валаматзода, А. Афсаҳзод.*

АРҒУНҲО́Н, чаҳорумин хон аз Элхонони Эронзамин (1284 – 91). А. набераи Ҳалоку ва писари бузурги Абоқохон буда, ки баъд аз марги падараш Аҳмади Такудор ба ҳокимият расида буд. Барои соҳиб гардидан ба тахту тоҷи падар аз Хуросон ба Озарбойҷон лашкар кашид. Пас аз ҷанги сесола Такудор кушта шуд ва А. ба тахти подшоҳӣ нишаст. Писари бузургаш Ғозонро ҳокими Хуросон таъйин намуд. Дар аҳди А. чандин шӯришҳо сар заданд, ки муҳимтаринашон шӯриши Амир Наврӯз буд ва панҷ сол идома дошт. А. барои пешгирии нуфузи Миср бо коҳини масеҳиён Николоси IV, подшоҳи Англия Эдуарди I ва подшоҳи Франсия Филиппи IV равобити сиёсӣ барқарор намуд. Ба подшоҳи Франсия нома навишт ва барои ҷалби ҳамкории ӯ ваъда дод, ки аз 20 то 30 ҳазор асп пешкашаш хоҳад кард. А. монанди падари худ бутпараст буд ва аз рӯи илтифоте, ки бо масеҳиён дошт, яке аз писаронашро пас аз ғусли таъмид ба ифтихори коҳини масеҳиён Николас номгузорӣ кард. А. подшоҳи золим буд ва ашхоси бисёри бегуноҳро ба қатл расондааст. Аз ҷумла, с. 1284 фармон дод, ки Хоҷа Шамсуддини Ҷувайниро, ки вазири ботадбир ва соҳибдевон буд, аз миён дуним кунанд, лекин бо ин ҳама ҷаллодӣ ба илму адаб ва сохтани шаҳрҳо таваҷҷӯҳи хоса дошт.

Қ. Расулиён.

АРҒУ́НЧАК, таноб ё арғамчине, ки ду сари он ба шохи дарахт ё ба ҷойе баланд баста мешавад. Баланд ё паст бастани А. ба синну соли кӯдак вобаста аст. Барои қулайтар шудани нишастгоҳи А. онро бо матои пахтагин мепечонанд. Бачаҳо ба А. савор шуда, ба пешу ақиб дар ҳаво алвонҷ мехӯранд. Шакли дар саноат истеҳсолшудаи А. мураккабтар аст. Ҳангоми сохтани А. аз чӯб ва металл истифода мекунанд. Дар Тоҷикистон А. номҳои бисёр дорад, аз қабили алвонҷ, бод, бодпеч, бозпеч, ҳой, ҳайбод, ҳаючак, ҳулчак ва ғ.

АРДАБИ́Л, шаҳр дар шим. Эрон, маркази маъмурии яке аз остонҳои

(музофотҳои) ҳамном. Дар 60 км ҷанубтари Баҳри Каспий дар пуштакӯҳи кӯҳҳои Талиш, дар баландии 1500 м дар соҳили д. Балигли-чай воқеъ гардидааст. Аҳолиаш 421262 (2006) нафар, асосан озарбойҷониҳо. А. дар замони Сосониён бунёд ёфта, ибт. а. 7 аз тарафи арабҳо тасхир гардид. Соли 1220 онро муғулҳо забт ва вайрон карданд. Ох. а. 13 дар А. ҷараёни дарвешӣ – тасаввуфии Сафавия таъсис ёфта, роҳбаронашон минбаъд ҳокимони шаҳру музофот шуданд. Сипас бо мурур А. маҳаки таъсиси давлатдории Сафавиён шуд. Соли 1997 шаҳр аз заминҷунбии шадид хароб гардид. А. ҳоло яке аз марказҳои намоёни кишоварзӣ мебошад. Дар А. саноати коркарди гӯшт, ордкашӣ, қаннодӣ хеле рушд ёфтааст. А. бузургтарин маркази қолинбофӣ, нассоҷӣ ва истеҳсоли масолеҳи чиниворӣ мебошад. Дар ҳаволии А. умдатарин осоишгоҳи балнеологии Эрон ҷойгир аст.

«АРДИВИРОФНОМА́», «Артавирознома», яке аз осори динии адабиёти паҳлавист, ки аз тарафи муаллифи номаълуме дар а-ҳои 6 – 7 ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) навишта шудааст. Мавзӯи «А.»-ро баёни сафари тахайюлии (фантастикӣ) Вироф ном мубади зардуштӣ ҳамроҳи Суруш ва Отар (Озар – рӯҳи оташи муқаддас) ба дунёи дигар ташкил медиҳад. Вирофро ҷамоаи мубадон аз байни 7 кас ба сабаби комилияти дониши динӣ ва ахлоқиаш фиристодаи заминиён ба он дунё интихоб мекунанд. Вироф доруи беҳушӣ хӯрда, ба хоби гарон меравад ва рӯҳи ӯ ба он дунё парвоз мекунад, то ки аз барҳақии дини *зардуштия* барои мардум далел орад. Рӯзи ҳафтум рӯҳи Вироф ба замин бармегардад. Ӯ бедор шуда, дар назди мубадону дигар ҳаммаслакон таассуроти худро аз сафари он дунё баён намуд. Мувофиқан ба суханронии Вироф «А.» ба қисмҳо (фаргардҳо) ҷудо гардидааст. Дар ҳар як фаргарди Вироф аз гуноҳе ва подошу ҷазои он сухан рафтааст. Тасаввуроти эсхатологӣ (ондунёӣ), ки дар ин асар омадааст, аз масъалаҳои марказии дини зардуштия буда, ба бисёр осори адабии динии Шарқи Наздик ва Марказӣ (махсусан ба адабиёти дини ислом) таъсир расондааст, масалан, меъроҷи Муҳаммад пайғамбар (с). Сюжети «А.» ба «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва «Рисолат-ул-ғуфрон»-и *Абулъалои Маарӣ* монанд аст. Ҷиҳати ҷолиби монандии «А.» ва «Мазҳакаи илоҳӣ» дар он аст, ки дар ҳар дуи онҳо тасвири дӯзах нисбат ба биҳишт муфассалтар аст. «А.» бо вуҷуди асари динӣ буданаш дорои хусусиятҳои адабиёти бадеӣ низ мебошад. Дар он унсурҳои адабиёти шифоҳӣ ва анъанаҳои адабиёти хаттӣ ба ҳам омехта омадаанд. Тамсилҳо, воситаҳои тасвири бадеӣ, монологу диалогҳо, иборапардозиҳои мучаз арзиши бадеии асарро зиёд кардаанд. Умуман, «А.» аз ҷиҳати баландии пояи маданияти сухан ва мукаммалияти таркибу тарзи баён нисбат ба дигар осори адабиёти паҳлавӣ пурратар мебошад.

Қадимтарин нусхаи нисбатан мукаммали «А.» матни позандии он (ниг. *Позанд*) мебошад. Вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа нусхаи паҳлавии «А.», ки дутоаш то имрӯз боқӣ мондааст, аз нусхаи форсии дарии он («А.»-и манзум) ғанитар аст. Дар матни паҳлавӣ замони ба вуқӯъ пайвастани рӯйдодҳои ин китоб – давраи Эронро забт кардани Искандари Мақдунӣ муқаррар гардидаанд. Пас аз он ки Искандар нусхаҳои Авесторо несту нобуд кард, дар байни зардуштиён оид ба дину мазҳаб шубҳа ба миён омад. Мувофиқи нусхаи позандӣ ривояти мазкур ба давраи ҳукмронии шоҳ Виштосп тааллуқ доштааст. Нусхаи тарҷумаи форсии «А.» («А.»-и манзум) замони ин ривоятро ба давраи Ардашери Бобакон мансуб медонад. Ин нусхаест, ки дар нимаи дуюми а. 13 Зардушт Баҳроми Пажду ба назм даровардааст. Тарзи баён дар «А.»-и манзум сода аст. Калимаҳои арабӣ дар он хеле каманд. Дар он аз истилоҳоти динӣ ва нуҷуми маъмул дар забони паҳлавӣ истифода шудааст. Ба ғайр аз нусхаи манзуми «А.»-и Пажду, чанде аз муаллифони дигар, аз ҷумла Анӯшервон писари Марзбон ва Ковус (порсҳо – пайравони зардуштия дар Ҳиндустон) «А.»-ро ба назм даровардаанд. «А.» ба забонҳои санскрит, гуҷаротӣ, англисӣ тарҷума шудааст.

Ад.: Доктор Раҳим Афифӣ, Ардавирофномаи манзуми Зардушт Баҳроми Пажду, Машҳад, 1343 ҳ. ш.; Жола Омӯзгор, Адабиёти зардуштӣ ба забони форсӣ, маҷ. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, ч. 17, нумраи 1 – 2, Т., 1348 ҳ. ш.; Тавадиа Ҷаҳонгир, Забон ва адабиёти паҳлавӣ-форсии миёна, Т., 1348 ҳ. ш.; Ян Рипка, История персидской и таджикской литературы, М., 1970. *М. Диловаров.*

АРДАШЕ́РИ I, шоҳаншоҳи *Ҳахоманишиён*. Солҳои 464 – 424 то м. ҳукмронӣ кардааст. Баъд аз кушта шудани падараш Хашиёршо бар тахт нишаст. Дар с-ҳои аввали ҳукмр. ӯ бародараш Виштосп, ки дар Бохтар даъвои салтанат мекард, дар ду ҷанг мағлуб гардид. Соли 462 то м. Инбарус ном шахс дар Миср, ки аз ҷониби юнониҳо дастгирӣ меёфт, шӯриш бардошт. Бо фармони А. I ҳокими Сурия бар зидди балвогарон лашкар кашид. Дар набардҳои байни с-ҳои 460 – 454 то м. аввал муваффақият бар ҷониби лашкари муттаҳидаи мисриҳо ва юнониён буд, лекин пас аз хушкондани яке аз шохобҳои рӯди Нил артиши Ҳахоманишиён пирӯз гардид. Дар с. 449 то м. байни Ҳахоманишиён ва Юнон аҳднома баста шуд, ки бо номи муоҳидаи Саймун маъруф аст. Тибқи ин аҳднома юнониҳои Осиёи Хурд дар умури дохилии худ мухторияти комил ба даст даровардаанд ва киштиҳои тиҷоратии Ҳахоманишиён метавонистанд ба бандарҳои юнониён озодона рафтуомад кунанд. Ҷаз. Қибрис (Кипр) ҷузви шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён шинохта шуд. Дар замони ҳукмр. А. I ҳокими Сурия ду бор бар зидди ҳукумати марказӣ исён кард, аммо саркӯб гардид.

Қ. Расулиён.

АРДАШЕ́РИ II, шоҳаншоҳи *Ҳахоманишиён.* Солҳои 404 – 360 то м. ҳукмронӣ кардааст. Баъд аз марги падараш Дориюши II бар тахт нишаст. Дар ибт. ҳукмрониаш бародараш Куруш ба ӯ сӯиқасд кард, аммо вай бо дахолати модараш Курушро танбеҳ надод ва ӯро ҳокими Осиёи Хурд таъйин намуд. Дар с. 401 то м. Куруш қиём кард ва бо якчанд ҳазор мардони ҷангии юнонӣ бар зидди А. II лашкар кашид. Дар ҷанги байни ин ду бародар Куруш кушта шуд ва беш аз даҳ ҳазор муздурони юнонӣ ба ватанашон баргаштанд. Соли 378 то м. байни давлатҳои юнонии Афина ва Спарта ҷанги пуршиддате рух дод. Бо дахолати А. II байни давлатҳои номбурда ҷанг хотима ёфт ва байни онҳо аҳднома баста шуд, ки тибқи он давлатҳои юнонӣ мебоист ҳар кадом дар умури дохилии худ мустақил бошанд ва бар зидди якдигар иқдом накунанд. Давлати Спарта ба дарбори А. II сафир фиристод ва қарор шуд, ки Қибрис (Кипр) дар ихтиёри Ҳахоманишиён боқӣ монад. А. II нахустин подшоҳи Ҳахоманишиён аст, ки дар катибаҳояш бо номҳои Митро ва Аноҳита зикр шудааст. Зоҳиран ӯ дӯстдори ин ду олиҳа, бахусус Аноҳита буда, дар ноҳияҳои гуногуни Эронзамин барои ӯ маъбадҳо бунёд кардааст.

Қ. Расулиён.

АРДАШЕ́РИ III, шоҳаншоҳи *Ҳахоманишиён.* Солҳои 359 – 338 то м. ҳукмронӣ кардааст. Баъд аз марги Ардашери II бар тахт нишаст. Дар

оғози подшоҳӣ шоҳзодагони хонаводаи шоҳиро аз миён бардошт, то дар оянда муддаие барои тоҷу тахт пайдо нашавад. Дар с. 344 то м. А. III тавонист Мисрро аз нав ба империяи Ҳахоманишиён ҳамроҳ кунад. Барои муқобила бар зидди Филиппи Мақдунӣ ба юнониён кумак намуд. Баъд аз кушта шудани А. III писараш Аршак ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаст.

Қ. Расулиён.

АРДАШЕ́РИ БОБАКО́Н (тав. тақр. 180 – ваф. 22. 9. 239, мувофиқи маълумоти дигар – 241), шоҳи Эрон (228 – 241), муассиси сулолаи *Сосониён*. Писари Попак (Бобак) ва набераи *Сосон* – яке аз коҳинони Истахр. Бобак аз мавқеи иҷтимоии худ истифода бурда, писараш Ардашерро дар Доробгирд ба мақоми олии низомӣ расонд. А. Б. чанд шоҳи Форсро мағлуб ва ҳалок карда, мулки онҳоро соҳиб шуд. Дар ҳамин вақт Бобак бар ҳокими Истахр Гавчеҳршоҳ шӯрида, макони ӯ – «Кохи сафед»-ро тасарруф кард. Гавчеҳршоҳро ба қатл расонда, худ бар тахти салтанат нишаст. Баъди марги Бобак писари калони ӯ Шопур подшоҳ таъйин шуд. Байни Шопур ва А. Б. низоъ афтод. Шопур ногаҳонӣ фавтид ва бародарон тахту тоҷро ба А. Б. тақдим карданд. А. Б. пас аз чанде барои ҷилавгирӣ аз хиёнат ва шӯриши бародарон фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд. Пас аз он ба тасарруфи кишварҳои ҳамсоя пардохта, Кирмон ва соҳилҳои халиҷи Форсро ҷузъи қаламрави худ намуд. Оқибат байни Ардашер ва шоҳаншоҳи Ашкониён Артабони V ҷанг ба амал омад. Артабони V ба ҳокими Аҳвоз (Хузистон) фармуд, ки ба ҷанги зидди А. Б дарояд. Аммо А. Б. фурсат надода Исфаҳон, Аҳвоз ва вил. хурди Мисенро, ки дар резишгоҳи Даҷла ва соҳили халиҷи Форс воқеъ буд, тасарруф намуд. 26 апр. 224 дар ҳамвории Ҳурмуздатон байни А. Б ва Артабони V ҷанги шадиде рӯй дод ва А. Б. Артабони V-ро кушта, сулолаи Ашкониёнро барҳам дод. Солҳои 226 – 227 маросими тоҷгузории А. Б. барпо гардид ва ӯ унвони «шоҳаншоҳ»-ро гирифт. Пас ба тасхири кишвари Мод, ш. Ҳамадон, Озарбойҷону Арманистон пардохта, Сакистон, Абаҳаршаҳр (Хуросони ҳозира), Марв, Хоразм, Балхро тасарруф намуд ва бо ҳамин қудрати худро дар ноҳияҳои Шарқ вусъат дод. Мувофиқи маълумоти Табарӣ шоҳони Кушон, Турон ва Макурон (ноҳияе дар соҳили халиҷи Утмин ва Уқёнуси Ҳинд) шоҳаншоҳии ӯро ба расмият шинохтанд. Салтанати А. Б. дар он замон Эрон, Афғонистон, Балуҷистон, Марву Хоразмро дар бар гирифта, сарҳади шим. ба Ҷайҳун ва ғарбӣ ба Бобулу Ироқ мерасид. Шаҳри Тайсафун (Мадоин)-ро пойтахти давлати Сосониён баргузид, вале қароргоҳи А. Б. дар ш. Гур (Фирӯзободи ҳозира) буд, ки он чоро «Ардашерхура» номида боғҳо ва гулистонҳои рӯҳафзо бунёд кард. Дар айёми ҷавонӣ дар ин макон қасре ҳам сохт, ки осори вайронаи он то ҳанӯз боқист. Ин қаср яке аз аввалин биноҳои токдори Эрон буд. Давлати муқтадире, ки ӯ пойдор кард, ҳама қавмҳои Эронро муттаҳид намуда, ба империяи Рим рақобат мекард. Тамаддуни Сосонӣ агарчи думболаи тамаддуни Ашконӣ буд, вале мукаммал ва мучаддиди он ҳисоб меёфт. А. Б. барои вусъати ёдгориҳои моддӣ ва маънавии кишвар кӯшидааст. Дар аҳди А. Б. шаҳрҳои нав қомат меафрохтанд (Ваҳардашер, Ардашерхура, Риоардашер, Ромардашер) ва ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Бо мурури замон саргузашти ин подшоҳ сурати афсона гирифтааст. Дар «Корномаи Ардашери Попакон», ки шарҳи аъмол ва афъоли А. Б. дар он дарҷ ёфтааст, матолибе дида мешавад, ки мутааллиқ ба ҳикояти *Куруши Кабир* аст. А. Б. бино ба маълумоти «Форснома»-и ибни Балхӣ 44 солу 10 моҳ подшоҳӣ кард, аммо муддати 30 соли он дар ҷанги мулуки Таванф гузашт. Ӯ ҳама душманонашро аз байн бардошт ва муддати 14 сол шоҳаншоҳи Эрон буд.

А. Ҷалилов, А. Боғбон.

АРДАШЕ́РИ ЧАНГӢ Муҳаммад ибни Ардашер (1475, Ҳирот – 1547, Бухоро), оҳангсоз ва навозандаи тоҷик. Аз ҷавонӣ ба омӯхтани илмҳои замон, аз ҷумла ҳунарҳои хаттотӣ, ҷадвалкашӣ ва наққошӣ пардохтааст; ба мусиқӣ низ меҳр дошта, дар ҳузури санъатварони номии давраш навохтани созҳои мусиқию сурудхониро меомӯзад. Барои фарогирии созу овоз ба Бухоро омада, бо устодони мусиқӣ шинос мешавад ва дар назди Мираки Чангии Бухорой чангнавозиро меомӯзад. А. Ч. чанд муддат дар Бухоро бо ҳамкории устодаш, ки сардори нақорахонаи Шайбониён буд, чун навозанда хидмат кардааст. Дар ин муддат ӯ бо санъатварони машҳури доираи дарбор ва берун аз он ошно шуда, дар санъати навозандагӣ ва сарояндагӣ маҳорати баланд пайдо мекунад. Истеъдоди мусиқидонии ӯ дар иҷрои мушкилтарин қисмҳои созии мақомҳо вусъат меёбад ва дар заминаи савту навоҳои мусиқии классикӣ асарҳои шаклан мураккаби «Амал», «Савт», «Нақш», «Лозима», «Кор», «Сачъ», «Рехта», «Қавл», «Куллиёт» эҷод менамояд. Мас. ба мақомҳои «Бусалик», «Наво», «Сегоҳ» ва вазнҳои «Даври шоҳӣ», «Зарбулфатҳ», «Туркзарб» оҳангҳои «Амали Чангӣ», «Пешрави Чангӣ», «Савти тарона», «Рехтаи наво», «Савтуламали Бузург»-ро офарида, дар ин шаклу навъҳои мусиқӣ тағйироти тоза дохил кардааст.

Ад.: Рачабов А., Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI – XVII, Д., 2007; Донишномаи Шашмақом, Д., 2009.

А. Рачабов.

А́РДИ I, подшоҳи *Ашкониён*. Баъд аз бародараш Меҳрдоди III (58 – 55 то м.), дар байни с-ҳои 55 – 36 то м. ҳукмронӣ кардааст. Ибтидои подшоҳии ӯ бо кашокаш бо бародараш Меҳрдод барои тахту тоҷи подшоҳӣ рост омад. Ин ҷанги хонагӣ ба римиён имконият дод, ки дар корҳои дохилии Ашкониён дахолат кунанд. Дар с. 54 то м. артиши Рим аз д. Фурот гузашта чанд шаҳри Ашкониёнро тасарруф намуд. Аммо дар набарде, ки с. 53 то м. дар назди д. Карха рух дод, римиён шикаст хӯрданд. Онҳо сарфармондеҳи худро аз даст доданд. Ҳамчунин 20 ҳазор ҷанговари римӣ кушта шуда, 10 ҳазори дигараш ба асорат афтоданд. Ба муносибати ин пирӯзӣ духтари ҳокими Арманистон – ҳампаймони римиҳо ба писари А. I, валиаҳди Эрон, ба занӣ дода шуд. Дар с. 52 то м. римиҳо аз нав ба қаламрави Ашкониён ҳамла карданд. А. I писараш Покарро бар зидди онҳо фиристод. То с. 40 то м. Покар сарзаминҳои Сурия, Фаластин ва бахши бузурге аз Осиёи Хурдро тасхир намуд. Дар ҷанги с. 39 то м. Покар кушта шуд. А. I пас аз марги Покар фарзанди дигараш Фарҳоди IV-ро (37 – 32 то м.) ба валиаҳдӣ баргузид ва дар ҷанги зидди Рум сарфармондеҳ таъйин кард. Давраи подшоҳии А. I замони авҷи қудрати Ашкониён буд. Ӯ пойтахти кишварро аз ш. Саддарвоза ба ш. Тайсафун интиқол дод. А. I дар с. 36 то м. ба фоидаи писараш Фарҳоди IV аз тахти подшоҳӣ даст кашид ва ба зудӣ аз олам даргузашт.

Қ. Расулиён.

АРДОНА́, гулхайрии сурх, гулхайрии даштӣ (Althaea armeniaca), гиёҳест худрӯй (аз ҷинси гули хайрӣ). Пояш рост (аз 60 см то 2 м қад мекашад). Баргаш сегӯша, паррадор ё панҷашакл, одатан серпашмак. Гулаш гулобӣ. Меваш сертухм; тухмаш

гурдашакл, қаҳваранги сурхтоб. Моҳҳои июн – июл гул карда тухм мебандад. А., одатан, дар алафзор, ҷангали гармсер, пистазор, замини партов, канори ҷӯйбор (мавзеъҳои ҷан. Тоҷикистон, воҳаи д. Сир, қ-кӯҳи Туркистон, 500 – 900 м баландтар аз с. б.) ва чун алафи бегона дар киштзори ғалладона месабзад.

А. гиёҳи доруии маълум аст. Табибони халқӣ бо ҷӯшоби реша ва баргу гулаш дарди қафаси сина, сулфа, хунпартоӣ, дарди гулӯ ва ғ.-ро табобат мекунанд. Занону духтарон бо ҷӯшоби гулаш сар мешӯянд. Марҳами бех ва гулу барги А.-ро ба ҳафтпӯст, дунбал ва ғ. мебанданд. Дар тибби муосир нақеъ, қиёми хушк ва обакӣ, шарбат ва хокаи бехи онро чун доруи зидди илтиҳоб, балғамовар (асосан ҳангоми қабзияти роҳи нафас) ва иллати узвҳои ҳозима (исҳол, илтиҳоб, энтроколит) истифода мебаранд. Бо шарбати решааш баъзе доруҳоро хуштаъм мекунанд. Бехи А. ҷузъи таркибии чанд навъ доруи наботист.

А. гули базеби худрӯст. Гулаш сершаҳд аст. Решаи А. ба миқдори зиёд луоб, оҳар, моддаҳои даббоғӣ, пектин, аспарагин, бетаин, сахароза ва микроэлементҳо дорад.

Ад.: Ходжиматов М., Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана, Д., 1989.

АРЕА́Л (аз лот. area – майдон, қитъа, мавзеъ), макони ягон намуд, ҷинс, авлод ва дигар гурӯҳҳои систематикии растанӣ ё ҳайвонот. А. ҳамаҷоя (космополитӣ) ва минтақавӣ (эндемӣ) мешавад. Намуди А.-ро асосан аз рӯи сарҳади иқлим муайян мекунанд. Ҳудуди А. ба иқлим, замин, релйеф, омилҳои биологӣ ва таъсири якҷояи ҳамаи онҳо вобаста буда, дар натиҷаи тағйир ёфтани шароит ва фаъолияти хоҷагии инсон хурд мешавад. Дар ҳудуди А. ҳайвонот ё наботот фақат дар ҳамон ҷое, ки барои ҳаёт бештар мувофиқ аст, маскун мешаванд. Миқдори намудҳои ҳайвонот ё наботот дар доираи А. як хел нест (дар он ҷое, ки шароит мусоид аст, шумораи намудҳо зиёд мешавад). Донистани А.-и олами ҳайвоноту наботот барои дуруст истифода намудани мавҷудоти фоиданок, нест кардани ҳашароти зараррасон ва ғ. аҳамияти калон дорад. Дар харита А.-ро бо хати бефосила, нуқта-нуқта ва ғ. ишора мекунанд.

АРЕДВИСУ́РА АНОҲИ́ТА, Аноҳито, Ноҳид (Ардви – рӯдхона, сура – қавӣ, нерӯманд, анаҳита – беолоиш, пок), дар асотири эронии бостон, офаридаҳои мардуми ориёӣ эзид (олиҳа)-и обҳо (рӯдҳо) ва фаровонҳосилӣ, ки ба сурати дӯшизаи зебое тасвир шудааст. Дар *Авесто* яшти 5-ум (ниг. «*Яштҳо*») ба А. А. бахшида шудааст ва «Ардвисура-ашт» ё «Обон-ашт» ном дорад. А. А. дар яшти мазкур ба ду сурат, аввалан ба шакли рӯди бузурге тасвир гардидааст, ки сарчашмаи кулли обу баҳрҳои дунё мебошад. Ин об аз баландтарин қуллаи кӯҳ ибтидо гирифта, зимистону тобистон яксон равон аст ва ҳазорҳо шохоб дорад. Ин рӯдҳо саросари ҳафт кишвари дунёро сероб мегардонанд (дар тасаввури эрониёни қадим дунё аз ҳафт кишвар иборат буд). Сипас, дар Авесто сурати дуюми А. А., тасвири ӯ чун олиҳа, дӯшизаи зебое омадааст. Вай дӯшизаи хушандом, баландболо, баруманду зеборух, озода ва накӯсиришт аст. Бозувони сафеди вай ба ситабрӣ чун шонаи аспанд. Камарбанди танге аз миён болотар бастааст ва синаҳои ӯ барҷастаанд. Ба сар тоҷи зарини ҳаштгӯшаи бо гавҳарҳо ороста гузоштааст, дар гӯшҳояш гӯшвораҳои чаҳоргӯша, дар гардан тавқи зарин дорад. Хилъати ӯ низ пурчину зарин аст ва аз рӯи он ҷомае аз сӣ бабир (саги обӣ) ба китф кардааст, ки монанди симу зар медурахшид. Кашфҳои муҷаллои ӯ бо бандҳои зарин маҳкам баста шудаанд. А. А. гардунае (ароба) дорад, ки чаҳор аспи зӯру тавоно онро мекашанд. Ин аспҳо ташхиси бод, абр, борон ва жола мебошанд ва аз файзи онҳо заминҳои кишт шодоб ва фаровонҳосил мешаванд. Нишемангоҳи А. А. қасри ҳазорсутун мебошад, ки дар баландтарин қуллаи кӯҳ, нишемангоҳи хуршед, ҷойи тулӯи хуршед воқеъ аст. Ба А. А. паҳлавонону шоҳони Эрон қурбониҳо оварда, зӯру тавоноӣ ва пирӯзӣ бар душманонро хостор мешаванд. Мас., Йима (*Ҷамшед*) аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ҳукмрониро бар девон ва мардумон барояш бубахшад. *Гаршосп* мехоҳад, ки бо ёрии А. А. бар аждаҳо пирӯз шавад ва ғ. А. А. ба Траетаона (*Фаридун*) дар мағлуб кардани Ажи-Даҳака (*Заҳҳок*), ба Зарир барои пирӯз шудан бар Арҷосп ва дигарон мадад мерасонад. Вале А. А. қурбониҳои нерӯҳои бадӣ, бадкирдорон Заҳҳок, подшоҳи Турон Афросиёб ва дигаронро рад карда, ба иҷро шудани мақсаду маромаи нопоки онҳо монеъ мешавад. А. А. ҳомии занони ҳомила аст. Вай таваллуди фарзандро бар онон осон, ширашонро барои тифли навзод фаровон мекунад. Вай инчунин дороии мардум, неъмату сарвати кишвар, галаву рамаҳоро афзун мегардонад. Ситоиши А. А. дар байни мардуми ориёӣ аз замонҳои қадим (такр. ҳазораҳои 3 – 2 то м.) оғоз ёфтааст. Ҳуҷҷату санадҳо оид ба ситоиши А. А. аз давраи Ҳахоманишиён боқӣ мондаанд. Мас., дар замони Ардашери II (ҳукмр. 404 – 360 то м.) дар Эрон маъбадҳои А. А. вуҷуд доштаанд, ки дар он ҷо занон зиндагӣ карда, машғули ибодат буданд. Харобаҳои маъбадҳои А. А. дар Хузистон ва Ҳамадон ҳоло ҳам мавҷуданд. Дар Хузистон муҷассамаи тиллоии А. А.-ро сохта будаанд. Ситоиши А. А. дар замони Ашкониён ва Сосониён, то давраи ҳучуми Хилофати Араб роиҷ будааст. Тасвири А. А. дар нақши Рустам ва дигар осори меъморию муҷассамасозии замони Сосониён ба назар мерасад. Дар тасаввури мардуми Хоразм А. А. ташхиси д. Аму (Ҷайҳун) буд. А. А. пас аз лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ дар Юнон ва Византия (Осиёи Хурд) шӯҳрат ёфт ва мардум ӯро ситоиш мекарданд. А. А. ба олиҳаи асотирии юнонӣ *Артемида* монанд аст. Дар Арманистон ситоиши А. А. замони ҳукмронрии Ашкониён расм шуд. Дар осори қадимии арманӣ ин олиҳа бо номи Анаҳит (Аноит) ёд мешавад. Пас аз ҷорӣ шудани дини масеҳӣ дар Арманистон ситоиши А. А. аз байн рафт. Дар адабиёти форс-тоҷик исми А. А. ба шакли Ноҳид дучор меояд ва сайёраи Зӯҳра – таҷассуми хунёгарӣ ва зебоиро бо ин ном ёд мекунанд. Шоирону нависандагон зебоӣ ва нафосати онро сутудаанд. Ноҳид дар фарҳангҳои тафсирии форсии тоҷикӣ ба маънои духтари ҷавон, зебо, олиҳаи зебоӣ, суруду рақс (хунёгарӣ) ва хушию хурсандӣ, ситораи ромишгарон ва хунёгарон аст.

Ад.: Пури Довуд, Яштҳо, ҷ. 1, Т., 1347 ҳ. ш.; Гавирӣ С., Аноҳита дар устураҳои эронӣ, Т., 1372 ҳ. ш.; Авесто, Д., 2001.

АРЕНДАРЕ́НКО (Арандаренко) Георгий Алексеевич (4. 2. 1846, губернияи Чернигов – 19. 4. 1908, Варшава), мардумшиноси рус, тадқиқотчии Аморати Бухоро, генерал-майор. Корпуси кадетии Полтава ва Омӯзишгоҳи якуми ҳарбии Павловро хатм карда, с. 1865 ба батареяи тирандозии Оренбург фиристода мешавад. Нимаи дуюми с-ҳои 60 а. 19 «юришҳои Туркистон» оғоз гардиданд ва дар натиҷа Осиёи Миёна ба Россия ҳамроҳ шуд. А. дар фатҳи қалъаи Ӯротеппа (1866) иштирок намуда, чун сардори даста дар Кӯҳистони Мастчоҳ (1875 –

76) ҷангидааст. Пас аз муҳорибаҳо А. ба корҳои маъмурӣ ҷалб гардида, ёвари раиси Ӯротеппа (1866 – 67), узви комиссияи ташкилии Авлиёато (Ҷанбул; 1868), раиси суди Ҷиззах, Перовск ва уезди Туркистон (1869 – 74) буд. Муддате дар рутбаи штабс-капитан сардории туманҳои кӯҳии округи Зарафшонро ба ӯҳда дошт. Минбаъд сардори шӯъбаи Самарқандии генерал-губернатории Туркистон (1887 – 90), сардори уезди Марв (1890 – 99), генерали округи ҳарбии Туркистон (1899 – 1901), губернатори ҳарбии вил. Фарғона (1901 – 04) буд. А. дар раванди хизмати давлатӣ ба гӯшаю канори Аморати Бухоро сафар карда, урфу одат, анъана ва забонҳои аҳолии маҳаллиро хуб омӯхт. Ӯ маълумоти фаровони мардумшиносӣ, оморӣ ва иқтисодиро оид ба манотиқи мухталифи Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла бекигарии Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Дарвозу Қаротегин гирд оварда, мунтазам дар нашрияҳои «Туркестанские ведомости», «Восточное обозрение», «Военный сборник» ва ғ. ба табъ расондааст. Соли 1889 маълумотро ҷамъ намуда китоберо бо унвони «Досуги в Туркистане» ба табъ расонд, ки дорои маълумоти арзишманд оид ба навоҳии Тоҷикистон мебошад. Бо чандин орденҳои русӣ, инчунин ордени тиллоии «Нишони дор-ус-салтанаи Бухорои Шариф» (дараҷаи 1) қадр гардидааст.

Ос.: Арандаренко Г. А., Досуги в Туркестане, С.-Пб., 1889.

Ад.: Бухара и Афганистан в начале 80-х годов 19 века, М., 1974. *М. Холов.*

АРЕО́МЕТР (аз юн. araios – суст, дар ин ҷо – моеъ ва *…метр*), асбобест барои чен кардани зичии моеъ ва ҷисмҳои сахт. А. дар асоси қонуни Архимед сохта шудааст. А.-ҳо ду навъ мешаванд: собитвазн ва собитҳаҷм. Бо А.-ҳои собитвазн зичии моеи тадқиқшавандаро аз рӯи дараҷаи ба моеъ ғӯтидани А., ки ҳаҷми моеи фишурда баровардаи онро нишон медиҳад, муайян мекунанд. Ба А.-ҳои собитвазн А.-ҳои шаклашон бо воҳидҳои зичӣ дараҷабандишуда: лактоденсиметр (барои чен кардани миқдори равғани шир), спиртометр (барои чен кардани миқдори спирт дар об), сахарометр (барои чен кардани миқдори қанди шарбат) ва ғ. мансубанд. Денсиметрҳоро аз шиша ё металл (барои ҳароратҳои баланд) месозанд. А.-ро, одатан, барои ягон ҳарор. муайян (дар асбоб нишон дода мешавад) дараҷа мебанданд. Бо А.-и собитҳаҷми палладор зичии ҳам моеъ ва ҳам ҷисмҳои сахтро



Ареометри муосир.

чен мекунанд. Дар ин навъ А. ҳаҷми қисми ба моеъ ғӯтидаи он як хел мемонад. Барои чен кардани зичӣ А.-ро ба моеъ то аломати гирда, ки ҳаҷми моеи фишурда баровардаи онро нишон медиҳад, меғӯтонанд. Зичиро аз рӯи массаи сангҳое, ки ба паллаи А. барои то аломати гирда ғӯтидани он гузоштан лозим мешавад, муайян мекунанд.

«АРЖА́НГ», «Артанг», «Арзанг», «Арданг», «Жанг», номи китоб, албоми мусаввар, ки тасвирҳои рангини кашидаи *Монӣ* дар он ҷой гирифта буданд. Аз ин албоми мусаввар то ба имрӯз (ибт. а. 21) ягон нусхае дастраси муҳаққиқон нагардидааст, вале дар осори таърихӣ, адабию динии мардуми эронинажод ишораҳои зиёде ба ин китоб, хусусиятҳову мӯҳтавиёти он, ривоятҳо дар бораи офарида шуданаш аз ҷониби Монӣ ва ғ. вомехӯранд. Мувофиқи ривояте Монӣ ба муддати як сол ба ғоре даромада «А.»-ро офарид. Ӯ на танҳо китобашро бо тасвироту нақшу нигор оро дода буд, балки дар деворҳои ғор ҳам нақшҳо кашида буд ва мардум ин ғорро нигористони Монӣ мегуфтанд. Монӣ дар «А.» ва нигоштаҳояш дар ғор – нигористони Монӣ ба мазмуни таълимоти худ, мас., устураи офариниши олам нақшҳо кашида будааст. Мувофиқи маълумоти баъзе китобҳои таърихӣ нусхае аз «А.» дар хазинаи шоҳони ш. Ғазнин вуҷуд доштааст. Монӣ чун рассоми мӯъҷизакор, «А.» – китоби пурнақшу нигор дар шеъру адаби форс-тоҷик, эҷодиёти адибон мавқеъ ва мақоми баландро соҳиб гаштаанд; ҳар он ҷо, ки аз зебоиҳои табиат, ҳусни маъшуқа, биҳишту баҳор, умуман зебоӣ сухан меравад, ба сабили санъати ташбеҳ аз «А.» ва Монӣ ёд шудааст. Мас.:

Яке нома бинвишт «Аржанг»-вор,
Пуророишу бӯю рангу нигор.

(*Фирдавсӣ*)

Ҳазоряк з-он к-андар сиришти ӯ ҳунар аст,
Нигору нақш ҳамоно, ки нест дар Аржанг.

(*Фаррухӣ*)

Гар «Артанг» хоҳӣ ба бӯстон нигаҳ кун,
Ки пурнақши Чин шуд миёну канораш.

(*Носири Хусрав*)

Баҳор мазҳари эъҷозҳои раббонист,
Чаман бадеътарин «Жанг»-и ҳазрати Монист.

(*Фарзона*)

Калимаи «Аржанг» ба маъниҳои дигар, номи чоҳе, ки Афросиёб Бежанро ба асирӣ гирифта, дар он нигоҳ медошт, номи деве, ки ба дасти Рустам кушта шуд, паҳлавоне аз лашкари Афросиёб, ки ба дасти Тус кушта шуд ва ғ. ба назар мерасад.

Ад.: Ёҳақӣ Муҳаммадҷаъфар, Фарҳанги асотир ва ишороти достонӣ дар адабиёти форсӣ, Т., 1375 ҳ. ш. *М. Диловаров.*

АРЗ (ар. – паҳно, бар), яке аз ду координатаи географӣ, ки мавқеи ягон нуқтаро дар сатҳи Замин муайян мекунанд; А. ба масофаи кунҷии нуқтаи мазкур то экватор баробар аст, яъне аз 0° то 90° қимат мегирад. Барои Нимкураи Шимолӣ А. мусбат қабул шудаасту барои Нимкураи Ҷанубӣ – манфӣ. Азбаски кураи Замин ноҳамвор асту усулҳои муайян кардани мавқеи нуқтаи А.-и рӯи Замин як хел нест, мафҳумҳои гуногуни А. истифода мешаванд: А.-и астрономӣ φ (кунҷи байни хати шоқулӣ ва ҳамвории экватори Замин, ки ба баландии қутби дунё дар рӯи уфуқи нуқтаи матлуб баробар аст), А.-и геодезӣ *B* (кунҷи байни нормали дар нуқтаи матлуб ба сатҳи Замин гузарондашуда ва ҳамвории экватори он), А.-и геотсентрӣ φ′ (кунҷи байни радиус-вектори нуқтаи матлуб ва ҳамвории экватори Замин), А.-и осмонӣ β (кунҷи байни самти ҷирм ва ҳамвории эклиптика, ки аз –90° то +90° тағйир меёбад), А.-и галактикӣ (кунҷи байни самти ҷирм ва ҳамвории экватори Галактика) ва ғ.

АРЗА́, як навъ кирмест, ки чӯб мехӯрад.Ниг. низ *Чӯбхӯракҳо.*

АРЗАМӢ, навъе аз зардолуҳои маҳаллӣ. Чанд хели А. мавҷуд аст, ки вобаста ба шакл, калонию хурдии дарахт, ранг, таъм, сергӯштию камгӯштии мева ва мӯҳлати пухтани он аз диг. навъҳои зардолу фарқ доранд. А. ба гурӯҳи зардолуҳои зарафшонӣ мансуб аст. Дарахташ нисбатан баланд ва сершоху барг. Баргаш тухмшакл ё гирда, дандонадор, думчааш кӯтоҳ, рангаш сабзи баланд. Навдаҳояш рости дароз. Гулаш гулобии хира, саросар мешукуфад. Меваааш лӯнда (55 – 60 г, баъзан то 70 г), рангаш зард, ҷои офтобрасаш зарди сурхча, сергӯшту сершира, хушбӯй ва хуштаъм, мағзи донакаш ширин. Ох. март гул карда,

ох. июн – авв. июл мепазад. Ниҳолаш дар 3 – 5-солагӣ ба ҳосил медарояд (то 120 – 130 сол умр мебинад). Аз дарахти 15 – 20-солааш 150 – 250 кг ҳосил гирифтан мумкин. Ҳосилашро асосан тар мехӯранд, мехушконанд ва аз он мураббо тайёр мекунанд. Мурабои А. хушсифат мешавад. Дарахташ ба сармо тобовар аст. Бештар дар ноҳияҳои Панҷакент, Хуҷанд, Исфара, Конибодом, инчунин дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон парвариш мекунанд. Аз касалиҳои занбӯругӣ зарар мебинад.

Ад.: Плодоводство Таджикистана, Сталинабад, 1948; Смирнов В. Ф., Новые сорта косточковых культур, выведенные в СССР, М., 1969; Смыков В. К., Культура абрикоса в неорошаемых условиях, Кишинев, 1975; Пулатов А., Таджикский абрикос, Д., 1976; Ботез М., Бурлой Н., Культура абрикоса, М., 1980; Помология Узбекистана, Ташкент, 1983.

Ф. Ӯрунов.

АРЗА́Н, говарс, говарса, духн (Panicum milliaceum), растаниест ғалладона. Пояаш (2 – 10 буғум дорад) рости шохаронда, то 1,5м қад мекашад (буттааш аз 1 – 5 поя иборат аст). Баргаш дарози нӯгтез (дарозиаш 18 – 65 см, бараш 4,5 – 4см), пашмакдор. Хӯшагулаш туғшакл, парешон ё ғунча, дарозиаш 10 – 60см; аз 10 то 40 шохача дорад, ки дар нӯги ҳар кадоме яктогӣ хӯшача мавҷуд аст. Хӯшачааш тухмшакл, нӯгтез, дарозиаш 3,5 – 4мм, 2-то гул дорад (фақат гули болоӣ инкишоф меёбад). Донаш хурд (дарозиаш 2 – 3мм, вазни 1000-тоаш 5 – 8г), тухмшакл ё лӯнда, рангаш сафед, зард, норанҷӣ, сурх, хокистарранг ё сиёҳ. Хӯшагули инкишофаш мӯътадил 600 – 1200 дон мебандад. Моҳҳои июн – авг. гул мекунад. А. аз зироатҳои қадимист; онро ҳанӯз 4 – 5 ҳазор сол пеш аз м. кишт мекарданд. Ватани А.-и мазрӯъро Хитой ва Муғулистон тахмин мекунанд. А. зироати писандидаи қабилаҳои скифу сармат ва суғду бохтариҳо маҳсуб мешуд. Дар хоҷагиҳои чумҳурӣ навъҳои серҳосили «Саратовии 853», «Веселоподолянскийи 198» ва ғ.-ро кишт мекунанд. Навъи «Саратовии 853» ягона навъи ба шароити Тоҷикистон мувофиққарда аст. А. растании гармидӯст буда, ба камобӣ тобовар аст. Давраи нашваш 60 – 120 рӯз. А.-ро баъди зироати полизӣ, лӯбиёиҳо, картошка ва лаблабуи қанд, инчунин дар заминҳои навкорам кишт мекунанд. Онро баъди чуворимакка коштан мумкин нест, зеро зарраҳрасонҳои ҳардуяшон як аст. Тухмиро 3 – 4 рӯз қабл аз кишт дар ҳавои кушод шамол дода, дору мезананд; 2 – 3 шаборӯз пеш аз кишт дар оби хунук (12 – 24 соат) тар кардани тухмӣ низ натиҷаи хуб медиҳад. Ҳангоми киштани А. хок дар чуқурии то 10см бояд 10 – 14°С гарм бошад. Тухмиро дар чуқурии 3 – 7 см (ба ҳар га 8 – 30 кг) мекоранд. Баъди 2 – 4 рӯзи кишт тухмӣ неш мезанад. А. ба нурӣ эҳтиёҷ дорад. Ба ҳар га киштзори А. андохтани 30 – 40 кг N, 45 – 60 кг P_2O_5 ва 45 кг K_2O ҳосилро 5 – 10 сентнер/га зиёд мекунад. Нуриҳои фосфордор ва калийдорро қабл аз шудгори тирамоҳӣ ва нуриҳои нитрогендорро ҳангоми культиватсияи пеш аз кишт меандозанд.

Дони А. баробар пухта намерасад, бинобар ин дуруст аниқ кардани мӯҳлати дарав аҳамияти калон дорад. А.-ро баробари расидани донҳои болоии хӯша ва нимдумбул шудани донҳои миёна даравидан лозим аст. Баъди 3 – 4 рӯзи дарав баргу пояи А.-ро, ки хушкидааст кӯфта, донашро чудо мекунанд. Донро то 13 – 14% шудани намиаш хушконда, баъд ба анбор мерезанд. Барои ҳосили баланд сифати тухмӣ низ аҳамияти калон дорад. А. яке аз муҳимтарин зироати ғалладона мебошад. Дар таркиби сӯкаш 63% ангиштоб, 12% сафеда, 3 – 4% равған, 1% клетчатка, 2 – 2,5% хокистар, моддаҳои минералӣ, витамини B_1 ва намакҳои калий, натрий, калсий, магний, фосфор ва ғ. мавҷуд аст.

Аз орди А. таомҳои хушлаззат, нон тайёр мекунанд. Шавлаи сӯк серғизо ва зудҳазм буда, барои беморони дарди дил, меъда ва ғ. парҳезонаи хуб аст. Донаш барои парандаҳо (хусусан мурғ, бедона), пахол, коҳ, баргу пояи сабз ва сабӯсаш (воҳиди хӯрокиаш 0,41) барои чорво хӯроки хуби серғизост. Касалии нисбатан хавфноки А. сӯлак аст. Ба киштзори А. бештар пашшаи арзан, парвонаи танахӯрак, магасаки арзан, визвизаки арзан зарар мерасонанд.

Ад.: Қосимов Ҷ. Қ., Зироатҳои Тоҷикистон, Д., 1975; Ҳоҷиматов М., Арзан, дар кит. ЭСТ, ҷ. 1, Д., 1978.



Арзан.

АРЗАНА́К (Phleum), чинси гиёҳҳои хӯшадор. Дар Тоҷикистон (к-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, куҳи Муғул, мавзеъҳои ҷан. ва шарқи чумҳурӣ) 5 намуди А. – P. alpinum, P. graecum, P. paniculatum, P. phleoides, P. pratense мерӯяд. Одатан дар лаби ҷӯй, соҳили дарё, атрофи чашмасор, нишебиҳои серрегу санглох, марғзору буттазор нумӯ меёбад. А.-и марғиро пештар ба миқдори кам дар водии Ҳисор ва Помири Ғарбӣ кишт мекарданд. А.-и марғӣ (P. pratense) гиёҳи бисёрсола буда, 60 – 100 (баъзан то 140) см қад мекашад. Хӯшагулаш саракмонанд («султон»), баргаш дароз, борик. Тухмаш лӯндаи дарозрӯя, майда (вазни 1000-тоаш тақр. 0,5г), нуқратоб ё хокистарии қаҳваранг; як бех А.-и марғӣ то 17 ҳаз. тухм мебандад. А. гиёҳи сармобардор ва ба об серталаб аст. Аз 4 – 5 сол (дар марғзори камоб) то 8 – 10 сол (марғзори обкӯл) нашъунамо меёбад. А.-и марғӣ хӯроки хуби чорво буда, онро барои бунёд намудани марғзори сунъӣ, сералаф гардондани чарогоҳ низ истифода мебаранд. Дар шароити мусоид аз ҳар га арзанакзор 50 – 100 сентнер хошок мегундоранд. Хошоки А. то 27% протеин (аз ҷумла 2,2% сафеда), 0,9% равған, 10% клетчатка, 17% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. А.-и алпӣ (P. alpinum) гиёҳи сершоху барг (15 – 40см қад мекашад), ба об серталаб ва сармобардор аст. Дар чарогоҳи баландкӯҳ месабзад. Алафи хушхӯр мебошад.

А.-и даштӣ (P. phleoides) 35 – 45 см қад мекашад. Он тухми зиёд мебандад, баргу пояш зуд дурушт мегардад. Тухмаш лӯндаи дарозрӯя, қаҳробаранги зардтоб, майда (вазни 1000-тоаш тақр. 0,3г). Бештар дар марғзори камоб ва дашт месабзад. Дар ғаллазор алафи бегона ҳисоб мешавад. Гиёҳи серғизои чорвост. Онро гову асп ва моли майда нағз мехӯрад.



Арзанхӯрак.

Арзантуғак (P. paniculatum) гиёҳи яксола буда, 15 – 60см қад мекашад; аввалҳои баҳор нашъунамо меёбад ва тобистон мехушкад. Алафи бегонаи полизу боғ аст. Онро чорво хуб мехӯрад.

Ад.: Флора, Таджикской ССР, т. 1, М. – Л., 1957; Растениеводство, М., 1975; Вехов В. Н. (ва диг.), Культурные растения СССР, М., 1978.

М. Ҳочиматов.

АРЗАНОВА́ (номи пештарааш Зулмобод), деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҷавонони ноҳ. Файзобод. Аз А. то маркази ноҳия 2 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 818 нафар (2009), тоҷикон. Кӯдакони А. дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии деҳаи Сари Чинор меҳонанд. Нуқтаи савдои хусусӣ ва чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз дарёчаҳои Намадмолон ва Кӯлобиён обёрӣ мешаванд.

АРЗАНХӮРАК (Fringilla), парандаест гунҷишкмонанд. Дар Тоҷикистон 22 намудаш зиндагӣ карда, дар замин ва буттаву дарахтон лона месозад. А.-и модина 3 – 7 тухм гузошта, баъди 2 ҳафта чӯҷа мебарорад. Ғизои А. тухми растаниҳои гуногун, асосан арзан аст. А.-ҳои сурх, барфӣ, ҳимолоӣ, сурхбол ва ғ. дар чарогоҳҳои баландкӯҳ дучор меоянд. Онҳо ҳангоми донхӯрӣ рӯи хӯша нишаста, тухми онро мерезонанд ва ба ҳамин васила ба зиёд шудани алафи чарогоҳ мусоидат мекунанд. Аҳамияти А.-ҳо дар паҳн кардани тухми дарахту бутта низ калон аст. Бисёр А.-ҳо овози форам доранд.

Ад.: Портенко Л. А., Птицы СССР, ч. 4, М., 1960; Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 3, Птицы, Д., 1977.

И. Абдусаломов.

АРЗИ́НГ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Сангвори ноҳ. Тавилдара. Аз деҳа то маркази ноҳия 122 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 69 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз дарёчаи Арзинг обёрӣ мешаванд.

АРЗІШ, сарфи меҳнати дар мол муҷассамшуда ва таҷассуми меҳнати ҷамъиятии истеҳсолкунандагон дар ашё. А категорияи асосии иқтисодиёт аст. А. аз замонҳои қадим то имрӯз таваҷҷӯҳи донишмандон ва иқтисоддонҳои ҷаҳонро нисбат ба моҳият ва мазмуни худ, пайванди ногусастанӣ доштан бо масоили дигари иқтисодию иҷтимоӣ аз ҳама бештар ҷалб кардааст. Доир ба пайдоиш, намудҳои гуногуни А. дар алоқамандӣ бо таъсири омили сарфи меҳнат, нархи мол дар бозор, таносуби пешниҳоди мол, талабот, истеъмол ва сарфи меҳнати ҷамъиятӣ ва ғ. аз ҷониби донишмандон фикру андешаҳои мухталиф баён карда шудаанд. Классикони иқтисоди сиёсӣ Адам Смит (1723 – 90), Давид Рикардо (1772 – 1823) ва Алфред Маршалл (1842 – 1924) кӯшиш карданд, ки моҳият ва мазмуни А.-и мол ва тақсимоти А.-ро аз диди нав ва танқиди ақидаи дигарон шарҳ диҳанд. Онҳо низ А.-и молро дар алоқамандӣ бо сарфи меҳнат дида, ба ин назария андешаҳои ҷолиб илова карданд. Д. Рикардо андешаи А. Смитро оид ба он, ки А.-и молро ё андозаи меҳнати зарури истеҳсолӣ (меҳнати сарфшуда) муайян мекунад, инкишоф дод, назарияи тақсимоти меҳнати ҷамъиятиро асоснок кард, тақсимоти А.-ро дар байни синфҳои ҷомеа нишон дод. А. Маршалл ин назарияи классикиро бо маржинализм – нафъи мол ва сифати маҳсулот на танҳо омезиш дод, балки ба ҳам пайваст. Мувофиқи андешаи ӯ манфиати мол аз баробарии байни суди ҳудуди мол ва ҳудуди хароҷоти истеҳсоли он вобастагии сахт дорад. Дар асоси ин ақида манфиатнокӣ ё нафъи мол дар баробарии байни пешниҳоди мол ва талаботи истеъмолгар хубтар зоҳир мегардад: харҷи меҳнати барои истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳо сарфшуда ба вуҷуд меояд. Барои он ки маҳсулот унвони «мол»-ро гирад, вай бояд А. ё нарх дошта бошад, то дар бозор ба воситаи пул хариду фурӯш шавад ва ба ин васила талаботи истеъмолгаронро ҳарҷӣ бештар қонеъ гардонад. Яъне ҳар як навъи неъмати моддие, ки мафҳуми «мол»-ро мегирад, пеш аз ҳама бояд дар ҷараёни истеҳсолот, яъне дар корхона ва дигар субъектҳои хоҷагӣ тавлид гардад ва бо мақсади хариду фурӯш ҳатман ба бозор бароварда шавад. Мол, одатан, ду хислати ба худ хос дорад: якум – қобилияти қонеъ кардани талаботи гуногун ва доимоафзояндаи аҳолӣ, яъне А.-и истеъмолӣ, дуюм – қобилияти иваз шудан ба молҳои дигар, яъне А.-и мубодилавӣ. Бинобар ин, А. Смит А. ва назарияи онро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, ду ҷиҳат: А.-и истеъмолӣ ва А.-и мубодилавӣ доштани молро асоснок кард ва онҳоро ба ҳам пайваст. Баъдтар олимони дигар (мас., А. Маршалл) ба масъалаи А.-и истеъмолӣ камтар таваҷҷӯҳ карда, баръакс ба пулу нарх ва робитаи мутақобилаи онҳо, ба муносибатҳои иқтисодӣ дар истеҳсолот, истеъмолот ва мубодила бештар мароқ зоҳир намуданд. Дар манбаъҳои илмӣ баъзан категорияи асосии иқтисодӣ будани А.-ро ҳатто инкор мекунанд. Ба пиндори онҳо, дар ин бобат на А.-и мол, балки нафъи маҳсулот, маҳсули меҳнат аҳамияти бештар дорад. Карл Маркс А. ва пайдоиши онро дар асараш «Капитал» таҳқиқ ва баррасӣ намуда, ду хислат – А.-и истеъмолӣ ва А.-и мубодилавӣ доштани молро аз назари илмӣ ва методологӣ шарҳ додааст. Воқеан ҳар ду хислати ба ҳам пайванди мол – А.-и истеъмолӣ ва худи А., чун воситаи зарури мубодилаи он, бо моҳияти духелагии меҳнати тавлидгарон вобастагии қавӣ доранд. Дар ин ҳолат меҳнати мушаххас сабаби пайдоиши А.-и истеъмолӣ гардида, меҳнати номушаххас худи А.-ро ба вуҷуд меоварад. Дар асл меҳнати номушаххас шакли ноаёни меҳнати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва аз шакли мушаххаси меҳнат вобастагӣ надорад, танҳо дар ҳолати рух додани мубодилаи молҳо ба тавассути А.-и мубодилавӣ моҳияти ҷамъиятӣ пайдо мекунад. Ҳисоби миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда бо роҳи қиёс ва бо ҳамдигар баробар кардани як намуди мол бо дигараш фақат дар ҷараёни хариду фӯруши онҳо, яъне дар муомилоти мол мушоҳида мегардад. Бинобар ин, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва махсусгардонии меҳнат ҳар қадар инкишоф ёбад, меҳнати номушаххас (чун ифодаи воқеии ягонагии меҳнати ҷамъиятӣ) ҳамон қадар бештар зуҳур менамояд ва ба ин васила А. ҳам ташаккул меёбад.

Моҳияти ҳақиқии А.-ро дар замони капиталистӣ К. Маркс ҳангоми таҳлили назарияи мол (ҳамчун шакли умумии маҳсули меҳнат) ба тарзи васеътар маънидод кардааст. К. Маркс ба андеша ва дастовардҳои таҳқиқгарони пешин такя намуда, назарияи илмии мол, хислати духелаи онро дар иртибот бо меҳнати мушаххас ва номушаххас, механизми пайдоиши А. ва А.-и изофаро дар сатҳи баланд таҳқиқ кард. А. ҳамчун шакли муносибат дар байни истеҳсолгарони мол танҳо ба харҷи меҳнати ҷамъиятӣ ва ҷараёни мубодилаи онҳо асос меёбад. Бо ин сабаб, ба ӯ муяссар шуд, ки омилҳои объективии бузургии А.-ро чун категорияи муҳими иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳқиқ намояд. Азбаски А. категорияи дар мол таҷассумёфтаи меҳнати ҷамъиятӣ мебошад, бузургии онро объективона, танҳо бо роҳи ҳисоби амиқу саҳеҳи харҷи вақти кории зарурӣ, аниқтараш, харҷи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ (ХМЗҶ) дар истеҳсоли мол, муайян кардан мум-

кин аст. Ҳамин тариқ, дар пояи ин нишондиҳанда бояд на харҷи инфиродии меҳнат, балки ХМЗҶ бо дарназардошти шароити миёнаи харҷи меҳнат дар истеҳсоли мол ва талаботи он дар бозор муқаррар гардад. Лекин ҳисоби ХМЗҶ ҳамчун заминаи воқеии муайян кардани А.-и мол кори бениҳоят мушкил аст.

Дар амали хоҷагидорӣ А.-и мол, аз ҷумла А.-и истеъмолии он ва нархи он дар бозор бо ҳам аломқамандии бевосита доранд. Нарх – ин ифодаи пулии А.-и мол мебошад. Нарх ҳамчун яке аз унсурҳои асосии бозор дар ангезиши ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолот, пайвастани ҳадаф ва мақсади он бо истеъмолот, қонеъгардондани талаботи аҳолӣ ба миқдор ва сифати молҳо ва ҳар гуна хизматҳо, ҳамоҳанг намудани миқдори пешниҳоди мол бо талаботи аҳолӣ нақши басо бузургро ба ӯҳда дорад. А.-и мол метавонад ба нархи мол баробар бошад ё аз он зиёд ва поён бошад. Молҳое, ки қиёсан нисбати якдигар сифати баланд доранд, А.-и истеъмолиашон ҳам бояд баланд бошад, зеро нафъашон ба истеъмолгарон зиёдтар аст. Азбаски муайян кардани бузургии ХМЗҶ чун заминаи асосии нарх, хусусан ҳисоби он бо пул, дар таҷрибаю амалияи иқтисодӣ кори хеле заҳматталабу аз назари методологӣ ва методӣ душвор аст, нархи молро дар заминаи ҳисоби миёнаи А.-и аслии ин ё он намуди маҳсулот ҳисоб мекунанд. Дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ бошад, барои аниқ кардани нархи мол (А.-и аслии маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсолӣ) ҳамзамон сатҳи миёнаи хароҷоти муомилотро ба эътибор гирифтан зарур аст. Дар шароите, ки механизми нархгузории озоди бозорӣ амал мекунад, ба нархи мол боз омили пурзӯри дигар – тағйирёбӣ ва таносуби байни пешниҳоди мол ва талаботи аҳолӣ дар бозор (бо назардошта омили рақобати бозорӣ дар дохили кишвар ва берун аз марзи он) таъсири калон мерасонад. Нарх ҳамчун таҷассумгари А.-и воқеии мол (ва хизматҳои пулакӣ) дар шароити амали бозор, ба ғайр аз А.-и аслии маҳсулот (ва хароҷоти муомилот), ҳатман тибқи қоидаю муқаррароти амалкунандаи низоми нархгузорӣ ба молу хизматҳо андозаи меъёри фоиданокии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, инчунин андоз аз А.-и иловашуда, андози аксиз, боҷу хироҷи гумрукӣ, тахфифи корхонаҳои савдои яклухт ва корхонаҳои савдои чаканаро низ дар бар мегирад.

Арзиши аслии маҳсулот ифодаи пулии хароҷоти ҷории корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад, ки бо ҷараёни тавлид ва тиҷорати маҳсулот дар воҳиди муайяни вақт (рӯз, моҳ, се моҳ ва як сол) иртибот дорад. А.-и аслии маҳсулот ҷузъи асосӣ ва таркибии нархи маҳсулот ё А.-и мол ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, сарфаю сариштакорӣ дар корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва дигар субъектҳои соҳаҳои истеҳсолии иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад, зеро шарти муҳими паст кардани А.-и воқеии мол (нарх) ва ба даст овардани фоида мебошад. А.-и мол вобаста ба таъйинот, ҳисоб, таҳлил ва нақшагирӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: якум – унсурҳои ҳаммонанди иқтисодӣ ва дуюм – моддаҳои нархгузорӣ (ниг. *Нархгузорӣ*). Ба таркиби А.-и аслии маҳсулот. аз рӯи нишонаҳои иқтисодӣ хароҷоти моддӣ (ашёи хом ва сӯзишворӣ), музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, ҳиссаҷудокунӣ барои чорабиниҳои иҷтимоӣ, истеҳлоки фондҳои асосӣ ва дигар хароҷот дохил мешаванд. Гурӯҳбандии А.-и аслии маҳсулот аз рӯи моддаҳои нархгузорӣ ба таври зайл аст: ашёи хом ва масолеҳ (маҳсулоти нимтайёри харида, агрегатҳо ва ғ.); партовҳои қобили истифода (тарҳ карда мешаванд); маводи сӯхт ва нерӯи барқ барои мақсадҳои технологӣ; музди кори асосӣ ва иловагии коргарони истеҳсолот; ҳиссаҷудокунӣ барои бимаи иҷтимоӣ; хароҷоти умумиистеҳсолӣ; хароҷоти сафари хизматӣ; хароҷот барои ташкилотҳои дигар; хароҷоти идорию маъмурӣ; хароҷоти ғайриистеҳсолӣ. Нархгузорӣ дар шакли ҷадвал таҳия гардида, бо пул андоза кардани хароҷоти истеҳсол ва фурӯши як воҳиди маҳсулот мебошад. Ҳисоби нархгузории А.-и аслии маҳсулот дар корхона одатан, меъёрӣ, нақшавӣ ва ҳисоботӣ мешавад. Намудҳои сехӣ, истеҳсолӣ ва пурраи тиҷоратӣ (бо ҷузъиёти алоҳида)-и А.-и аслии маҳсулот аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Арзиши аслии сехӣ ба бузургии умумии А.-ҳои зерин баробар аст: ашёи хом ва масолеҳ + маҳсулоти нимтайёри харида – партовҳои қобили истифода + маводи сӯхт, нерӯи барқ барои мақсадҳои технологӣ + музди кори асосӣ ва иловагии коргарони истеҳсолот + ҳиссаҷудокунӣ аз музди меҳнат ба мақсадҳои иҷтимоӣ + хароҷоти сехӣ.

Арзиши аслии истеҳсолӣ – ҳосили ҷамъи бузургии арзиши аслии сехӣ + хароҷоти умумикорхонавӣ + хароҷоти дигари истеҳсолӣ. Ин нишондиҳандаи сифатии истеҳсолот маблағи хароҷотро оид ба тавлиди мол, иҷрои хизматҳо дар корхона ва дар як воҳиди муайяни вақт нишон медиҳад.

Арзиши аслии пурра ё тиҷоратии маҳсулот бузургии кулли хароҷот буда, онро бо ҳисоби пул ҳамчун ҳосили ҷамъи А.-и аслии истеҳсолӣ + маблағи хароҷоти ғайриистеҳсолӣ муайян мекунанд, ки сарфи маблағҳоро барои бозорёбии мол дар бар мегирад.

Арзиши аслии инфиродии маҳсулоти саноатӣ бузургии хароҷоти ҷорӣ оид ба истеҳсоли ягон намуди маҳсулот дар доираи танҳо як корхонаи истеҳсолӣ мебошад.

Арзиши истеъмолӣ намуд ва ҷузъи таркибии А.-и мол буда, ягон талаботи инсонро қонеъ мегардонад. Инчунин нафъи маҳсулот (мол)-ро барои истеъмолгарон ва ҳар гуна хизматҳоро, ки дар сифат ва нишонаҳои хоси онҳо инъикос ёфтааст, ифода мекунад. Ҳар як намуди мол А.-и истеъмолӣ дорад. Талаботи аҳолӣ, ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии бозор, дар навбати аввал аз имкониятҳо ва манбаъҳои ба даст овардани даромадҳои пулӣ вобаста буда, одатан, на танҳо гуногун, балки тағйирёбанда ва афзоишёбанда мебошад. Нафъи мол низ бояд ба талаботи аҳолӣ ва тағйирёбии он мутобиқат кунад. Моли хушсифат, ки ба он истеъмолгарон эҳтиёҷ доранд, албатта, А.-и истеъмолии нисбатан зиёдтар дорад ва нархи он ҳам бояд то андозае нисбат ба дигар моли ҳаммонанд қиматтар бошад. Ҳамин тариқ, А.-и истеъмолии мол ба се омил: миқдор, шакли молӣ ва сифати он вобастагӣ дорад. Хизматрасонӣ низ дар шароити бозор мол ҳисоб меёбад, вале он моли махсус буда, ҳамзамон А. ва А.-и истеъмолӣ дорад. А.-и истеъмолии хизматҳо шакли шайъӣ надошта, ба истеъмолгарон манфиат дорад.

Арзиши гумруркии мол – А.-и мол аст, ки барои ҳисоб кардани пардохтҳои гумрукӣ (боҷу хироҷи гумрукӣ) истифода мегардад. А.-и гумрукии мол манбаи андозбандӣ мебошад. Ин нишондиҳандаи иқтисодиро ҳангоми аз хориҷи кишвар ба ҳудуди гумрукӣ ворид шудани молҳо истифода мебаранд. Пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети умумидавлатӣ боҷи гумрукӣ ва аксизҳо ба номгӯи муқар-

раргардидаи молҳои мушаххас, андоз аз А.-и иловашуда ва хироҷҳои махсусро дар бар мегирад, ки барои иҷрои хизматҳои гумрукӣ (назорати молҳои воридотӣ, мувофиқат кардани ҳолати воқеии онҳо ба ҳуҷҷатҳои таҳвили мол ва ҳуҷҷатҳои молӣ-нақлиётӣ, гузарондани санҷишҳои лабораторӣ дар ҳолати пайдо шудани шубҳа, қонуншиканиҳо ва ғ.) пешбинӣ шудаанд. А.-и гумрукии мол нишондиҳандаест, ки онро кормандони ҳудуди гумрукии кишвар бояд хеле саҳеҳ муайян кунанд. Ин ҳисоб бо яке аз шаш тарз бояд иҷро гардад: а) аз рӯи А.-и муомилотии молҳои воридотӣ, ки усули асосии муайян кардани А.-и гумрукии мол ба ҳисоб меравад. Ин усул бо роҳи ба эътибор гирифтани А.-и муомилотӣ, ки маблағи он воқеан пардохт шудааст ё пардохта мешавад, муайян мегардад. Дар ин ҳолат ба А.-и гумрукии мол боз хароҷоти нақлиёт, бимакунонӣ, иҷозатномагирӣ (литсензия) ва ғ. ҳамроҳ карда мешавад; б) дар ҳолати нокифоя будани ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба таҳвили ин ё он намуди мол, кормандони мақомоти гумрук метавонанд аз усули дигар – А.-и муомилотии молҳои ба ин монанд истифода баранд; в) дар ҳолати мавҷуд набудани асос барои ҳисоби дақиқи А.-и гумрукии мол аз рӯи ду усули мазкур аз усули сеюм – А.-и муомилотии молҳои ҳаммонандро, ки нишонаҳои якхела ва ҷузъиёти ба ҳам хеле наздик доранд, истифода бурдан мувофиқи мақсад аст; г) усули чорум тарҳ кардани А. аст: аз нархи моли баҳододашаванда маблағи фурӯши он дар бозор тарҳ карда мешавад; д) усули панҷуми ҳисоби А.-и гумрукии мол ҷамъ кардани маблағҳои хароҷоти истеҳсоли мол ва фоида мебошад. Дар ин ҳолат ба бузургии хароҷоти истеҳсоли мол маблағи фоида ва хароҷоти муомилоти моли санҷидашаванда зам карда мешавад; е) усули захиравӣ. Онро танҳо дар ҳамон ҳолат истифода мебаранд, ки агар муайян кардани А.-и гумрукии мол бо кулли усулҳои зикршуда имконнопазир бошад. Моҳияти ин усул ба ҳисобҳои махсус ва баҳои экспертӣ оид ба А.-и муомилотии молҳо, нархи воридотӣ ва тиҷорати воқеии онҳо асос меёбад. Ҳамин тариқ, ба А.-и гумрукии мол маблағи А.-и иловашуда (аз рӯи меъёри амалкунанда – 18%) ва маблағи аксизҳо (бо меъёри молҳои зераксизии воридотӣ), ки Ҳукумати ҶТ муқаррар кардааст (с. 2011), ҷамъ карда мешавад. Ба маблағи ин тарзи ҳисоби пардохти (боҷи) гумрукӣ боз бузургии хироҷоти гумрукӣ илова гашта, сипас ҳамчун боҷу хироҷи гумрукӣ ба буҷети умумидавлатӣ равона карда мешавад. *С. Ҳабибов.*

АРЗНОМА́ (*петитсия*), шакли дастаҷамъии муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ё ҳуд идораи маҳаллӣ дар хусуси қабули санади ҳуқуқӣ, ё қарор (чун қоида, бо якҷоя пешниҳод кардани лоиҳа), ё ки дида баромадани масъалаи мазкур дар маҷлиси мақомот. А. бояд шумораи муайяни имзои шаҳрвандон бо нишондоди ҷойи истиқомати онҳоро (мумкин аст боз маълумоти дигар ҳам пешниҳод гарданд) дар бар гирад. Имзогузории чунин шумораи шаҳрвандон ба А. мақомоти салоҳиятдорро водор месозад, ки ҳарчанд ба таклифҳои лоиҳа розӣ набошад ҳам, масъалаи гузошташударо ҳаллу фасл намояд. Ҳуқуқ ба пешниҳоди А. дар қонунгузории конститутсионӣ танзим ёфтааст. Ҳуқуқи якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат кардани шаҳрванд дар моддаи 31 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Конститутсияи бархе аз мамлакатҳо барои баъзе шахсони дар хизмати давлатӣ буда фақат ҳуқуқи муроҷиати фардиро кафолат додааст.

АРИАБҲА́ТА (тав. 475, Ашмака – 550), риёзидон ва ҳайатшиноси ҳинду. Дар бораи зиндагии ӯ маълумоти мукаммале нест. Ҳаёт ва фаъолияти А. ба давраи Гуптҳо (а. 4 ва нимаи аввали а.6), ки дар таърихи Ҳиндустон аҳди тиллоии инкишофи таъриху тамаддун маҳсуб мегардад, рост меояд. Аз А. «Ариабҳатия» ном асараш (таълифаш 498) боқӣ мондааст, ки дар он тамоми донишҳои риёзиву ҳайатшиносии замона ва пешинаи ҳиндуён ҷамъбаст шудааст. «Ариабҳатия» аз чаҳор қисмати иборат аз 118 сатри мансур (қитъа) таркиб ёфтааст. Қисмати I – Дашагитика оид ба системаи тасвир ва ишораи ададҳо мебошад. Қисмати II – Ганитапада пурра ба риёзиёт бахшида шудааст. Қисмати III – Калакрийапада дар бораи муайянсозии вақт баҳс мекунад. Қисмати IV – Голапада ба ҳайатшиносӣ бахшида шудааст. Дар он дар бораи Заамин, Зӯҳра, Зуҳал, Миррих, Муштарӣ ва Уторид суҳан меравад. Ғайр аз онҳо А. дар бораи Моҳу Офтоб низ маълумот додааст. А. дар қисмати ҳайатшиносии асараш ғояи дар атрофи тири ҳуд давр задани Заминро баён кардааст. «Ариабҳатия» чанд маротиба тарҷума ва тафсир шудааст, ки танҳо 12 тафсири гуногуни он аз а. 6 то нимаи а. 19 маълум аст. Абурайҳони *Берунӣ* (973 – 1048) дар асари ҳуд «Мо-ли-ҷ-ҳинд» дар баробари тавсифи риёзиёти Ҳинд ба А. баҳои баланд додаст. Фаъолияти А.-ро таърихшиносон В. И. Лапшина, Э. Я. Бахмутская, А. Е. Раик, В. Н. Илина, Г. М. Бонгард-Левина, Э. А. Грантовский, И. Г. Башмакова, А. П. Юшкевич, А. И. Володарский, Б. А. Розенфелд ва диг. таҳқиқ кардаанд.

А. қимати ададии π-ро то саҳеҳии панҷум ҳисоб карда (3,1416), аввалин маротиба мафҳуми «синус»-ро дар илм дохил ва дар ҳисоби ҳайатшиносӣ татбиқ намудааст. Дар «Ариабҳатия» аввалин маротиба дар Ҳиндустон тарзи аз решаи мураббаъ ва мукааб берун овардани адад тавсиф ёфтааст. Маҳз ба тавассути «Ариабҳатия» усули ҳиндии иҷрои амалҳои арифметикӣ ва системаи ҳисоби даҳӣ аз ҳиндуҳо ба кишварҳои исломӣ ва аз он ҷо ба Европа роҳ ёфтааст. Асоси системаи рақамҳои ҳиндӣ ададии 10 ҳисоб карда мешуд. То замони А. асосан системаи шастии ҳисоб роиҷ буд. Ин системаи хисобро шумерҳо ихтироъ карда буданд, ки баъзан системаи шумерӣ низ меноманд. А. дар «Ариабҳатия» аввалин маротиба системаи даҳии ҳисобро ворид намуд. Ба ҷои рамзҳои махсус барои навишти 10, 20, 30, 40 ва ғ. А. моҳиятан навишти 1×10^1, 2×10^1, 3×10^1, 4×10^1 ва ғ. ва барои 100, 200, 300, 400 ва ғ. мувофиқан навишти 1×10^2, 2×10^2, 3×10^2, 4×10^2 ғ.- ро дохил намуд. Бо истифодаи чунин тарзи ҳисоб ададии дилхоҳро осон навиштан мумкин буд. Масалан, ададии 706 005 000 400 003 чунин навишта мешуд:

$7\times10^{14}+6\times10^{12}+5\times10^9+4\times10^5+3\times10^0$

Эътирофи қимати сифрии ашё низ маҳз ба тавассути «Ариабҳатия» дар илм ворид шуд ва худи А. хосияти сифр (0)-ро чунин тавсиф кардааст: «Агар сифрро ба ягон адад ҷамъ созем, он гоҳ адад бетағйир боқӣ мемонад; агар сифрро аз ягон адад тарҳ созем, адад низ бетағйир боқӣ мемонад; вале агар ададро ба сифр зарб созем, ҳамеша сифр ҳосил мешавад».

Дар «Ариабҳатия» якчанд муодилаи хаттии якномаълума мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки намуди умумии онҳоро бо рамзҳои муосири риёзӣ чунин навиштан мумкин аст: $ax+b=a_1x+b_1$.

Қоидаи ҳалли чунин муодилаи хаттиро А. чунин тавсиф додааст: «Фарқи байни маълумҳоро ба фарқи байни

коэффитсиенти назди номаълумҳо тақсим кардан зарур аст»:

$$x = \frac{b_1 - b}{a - a_1}$$

А. нахустин ҳайатшиноси ҳинду буд, ки ба шарҳи илмии кусуфу хусуф пардохтааст. Афкори риёзиву ҳайатшиносии А. на танҳо ба инкишофи илмҳои риёзиву табиатшиносии ҳиндуҳо, балки ба инкишофи ҳамин соҳаҳои илм дар Шарқи исломӣ ва Бохтари насронӣ низ таъсир расондааст. Дар ох. а. 8 «Ариабҳатия» ба забони арабӣ зери унвони «Зиҷ-ул-Арҷабҳар» тарҷума шуда буд. Европоиҳо ба тавассути осори илмии донишмандони исломии асримиёнагӣ, хусусан осори илмии ниёгони тоҷикон – Муҳаммад Мусои Хоразмӣ ва Абурайҳони Берунӣ бо риёзиёту ҳайатшиносии ҳиндуҳо, аз ҷумла А. ва арқоми ҳиндию системаи ҳисоби даҳӣ ошно шудаанд. Бо номи А. аввалин радифи маснӯи Ҳиндустон номгузорӣ шудааст.

Ад.: Бонгард-Левин Г. М., Ариабата и его эпоха, М., 1976; Ващенко-Захарченко М. Е., Исторический очерк математической литературы индусов, Киев, 1982; Губарев В. С., Ариабата, М., 1975. *А. Комилӣ.*

АРИЕ́ТТА (итал. arietta – арияи хурд), 1) арияи начандон калон, ки шаклан дуқисма буда, аз рӯи сохту тафсир навои содаи хушоҳанг аст (арияи хурд); 2) ария-da capo, ки нимаи авв. а. 18 дар операҳои франсавӣ бо забони италиявӣ ва услуби мутантани колоратурӣ иҷро мешуд. Дар операҳои италиявӣ А. ба дивертисмент (номи пйесаҳои рӯҳбахши созӣ, сюитаҳо ва ғ.) чун барнома ва қисми «иловагӣ» дохил шуд. Баъдҳо А. ба як жанри санъати опера мубаддал гардид (операи «Маликаи барфин»-и Н. А. Римский - Корсаков). *Ш. Ҳабибов.*

АРИЗА́, номаи хоҳишу илтимос; номаи шикоят, дархост ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиатномаи шаҳрвандон, барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои барояшон маълумшуда ва хоҳиши амалӣ ё барқарор намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандону ташкилотҳо. А.-ҳо дар шаклу услуби озод иншо гардида ба мақомоти дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

АРИЗА́И ДАЪВОӢ, ҳуҷҷатест, ки бо ёрии он парвандаи шаҳрвандӣ дар суд оғоз карда мешавад. Қонун пешбинӣ намудааст, ки дар аризаи даъвоӣ бояд реквизитҳои (маълумотҳо) муайян сабт карда шаванд (моддаи 134 КМГ). Маълумотҳое, ки дар А. д. оварда мешаванд, ба суд имконият медиҳанд, то сари вақт ва дуруст парвандаи шаҳрвандиро баррасӣ намояд. Дар А. д. маълумоти зерин бояд оварда шаванд: 1) номи суде, ки ба он ариза пешниҳод мешавад; 2) номи падар ва насаби даъвогар, ҷойи истиқомати доимии он ё агар даъвогар шахси ҳуқуқӣ бошад, ҷойи маҳалли ҷойгиршавии он, инчунин маълумот дар бораи намоянда ва нишонии ӯ, ба шарте аризаро намоянда диҳад; 3) номи падар ва насаби ҷавобгар, ҷойи истиқомати доимии ӯ, ё агар ҷавобгар шахси ҳуқуқӣ бошад, ҷойи исти он; 4) ҳолатҳое, ки асоси талаби даъвогар мебошанд ва далелҳои исботкунандаи ин ҳолатҳо; 5) талаби даъвогар; 6) нархи даъво, ба шарте ки ба даъво баҳо дода шавад, инчунин ҳисоби маблағҳои ситонидашуда ё баҳснок; 7) номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки ба ариза замима карда мешаванд; 8) нусхаҳои аризаи даъвоӣ вобаста аз шумораи ҷавобгарон. Ба ариза даъвогар ё намояндаи ӯ имзо мекунад. Ба А. д., ки намоянда пешниҳод намудааст, бояд ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколатҳои намоянда замима карда шаванд. Агар шахси манфиатдор дар А. д. маълумоти зарруриро сабт накунад, А. д. беҳаракат мононда мешавад. Суд мувофиқан дар бораи беҳаракат монондани А. д. таъйиноти махсус мебарорад. Дар ин таъйинот аз ҷониби суд барои бартараф намудани нуқсонҳои А. д. мӯҳлат муқаррар карда мешавад.

АРИҚТО́Ғ, қаторкӯҳ дар водии Вахш, дар паҳлуи шарқии қ-кӯҳи Оқтоғ. Аз Шим. ба Ҷ. қариб 70 км тӯл кашидааст. Баландиаш ба ҳисоби миёна 1000 – 1200 м; нуқтаи баландтаринаш 1642 м. А. аз ҷинсҳои таҳшинии регсанг, конгломерат, гил ва оҳаксанг таркиб ёфтааст. Теғаҳояш нисбатан ҳамвор. Дар А. дарахту буттаҳои писта, дӯлона, бодом ва гиёҳҳои биёбонӣ мерӯянд. А. чарогоҳи зимистонӣ ва баҳорӣ мебошад.

АРИҚТО́Ғ, қабристон дар ноҳ. Шаҳритуз (дар доманаи қ-кӯҳи Ариқтоғ, дар қисми шим. водии Бешкент). А. М. *Манделштам* с-ҳои 1955 – 59 дар он ҳафриёт гузаронд. Қабрҳои давраи охири асри биринҷӣ ва ибт. асри оҳан (ох. ҳазорсолаи 2 то м. ва ибт. м.) ёфт шудаанд. Қабрҳои кӯҳна доирашакл ва росткунҷа канда шуда, иҳотаи сангӣ доранд ва як ҷасад дар чуқурии одӣ гӯронда шудааст. Дар қабрҳо досу дастпонаҳои биринҷӣ ва зарфҳои сафолӣ пайдо шуданд. Қабрҳои арафаи асрҳои милод лаҳад доранд. Аз ин қабрҳо зарфҳои сафолӣ ва се пайкони найза пайдо шуданд. Давраи охири қабристон ба замони ҳуҷуми гурӯҳҳои калони бодиянишин ва инқирози давлати *Юнону Бохтар* рост меояд.

АРИО́ЗО (итал. arioso – ариямонанд), 1) жанри мусиқии вокалӣ (операвӣ, кантатавӣ), ки байни ария ва речитатив ҷой мегирад. А. аз ария бо хурдии андозаю надоштани сохти муайян ва аз речитатив бо содагию хушоҳангӣ фарқ мекунад. А. дар кантата ва операҳои италиявӣ (а. 17, М. А. Чести, К. Монтевердӣ) байни речитатив ва ария қисми васлкунандаро ташкил медод. Баъдҳо А.-ро дар кантата нисбат ба опера бештар истифода мебурдагӣ шуданд (махсусан композиторони неополитанӣ). Дар операҳои композиторони классики рус (а. 19) А. дар шакли арияи хурди хушоҳанг ё сохти сурудҳои лирикӣ вомехӯрад. А. дар баъзе операҳои муосир низ мушоҳида мешавад (операи «Шӯҳрати густохон»-и И. Ф. Стравинский); 2) восита ё ифодаи оҳанг барои фораму нарм навохтану сурудани асари мусиқӣ. Дар ин ҳолат А. чун жанр амал надорад («Оратория бахшида ба мавлуди Исо»-и И. С. Бах, сонатаҳо барои фортепианои Л. В. Бетховен). *Ш. Ҳабибов.*

АРИСТОКРА́ТИЯ (юн. aristokeatia – ҳокимияти ашроф, ҳокимияти беҳтаринҳо), 1) шакли идоракуние, ки дар он ҳокимияти давлатӣ дар дасти ақаллияти аъёну ашрофи имтиёздор мебошад. Мафҳуми А.-ро бори нахуст *Афлотун* ва *Арасту* барои ифодаи яке аз шаклҳои идоракунии давлат ба кор бурдаанд. Минбаъд шакли аристократии идоракуниро Полибий, Б. *Спиноза*, Т. *Гоббс,* Ш. *Монтеске,* И. *Кант* ва дигарон зикр намудаанд. Дар он мардум дар ҳаёти давлатӣ фаъолона иштирок намекунад, ваколати маҷлисҳои халқӣ маҳдуд аст. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ асосан аз доираи маҳдуди аъёну ашроф ташкил шуда, принсипҳои вориситят ва ирсият эътибор доранд; 2) аъёну ашроф, қисми имтиёздори ягон синф (мас., дар Рим – патритсийҳо, дар Афина – эвпатридҳо, дар Россия – дворянҳо ва ғ.) ё гурӯҳи ҷамъиятие, ки ҳуқуқу имтиёзи махсус дорад (мас., А.-и молиявӣ).

АРИСТОФА́Н (тақр. 445 – тақр. 385 то м.), драматург, ҳаҷвнигор ва намояндаи мазҳакаи атиқаи Юнони Қадим. А. зиёда аз 44 мазҳака навиштааст, ки то замони мо 11-тоаш расидааст: «Ахариҳо» (425), «Савораҳо» (424), «Абрҳо» (423), «Занбӯрҳо» (422), «Сулҳ» (421), «Мурғон» (414), «Занон

дар иди Фесмофорий» ва «Лисистрата» (411), «Ғукҳо» (405), «Занон дар маҷлиси халқӣ» (392), «Плутос» (388); аз дигар асарҳояш қариб 900 порчаи хурд боқӣ мондааст. Дар мазҳакаҳои А., асосан, сиёсати ҷангҷӯӣ, афзоиши нобаробарии ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои ғоявие, ки асоси анъанаҳои демократияи Афинаро заиф мекунанд, мазаммат шудаанд. А. дар осори худ баъзе хислатҳои ашхоси таърихӣ, ҳамзамонони худ (авомфиреб Клеон, файласуф Суқрот)-ро ифода кардааст. Мазҳакаҳои А. дорои ҳаҷви тезу тунд буда, ба онҳо дар замони Эҳё Эразми Роттердамӣ, Ф. Рабле, дар а. 18 Г. Филдинг, дар замони шӯравӣ А. В. Луначарский баҳои баланд додаанд.

Ад.: Соболевский С. И., Аристофан и его время, М., 2001.

АРИТМИ́Я (аз *а*… ва юн. rhuthmos – низом), номураттаб кашиш хӯрдан (тапидан)-и дил, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани фаъолияти ҷудогонаи он ба амал меояд. Одам, одатан, задани дилашро ҳис намекунад, бинобар ин аз суръати он бехабар аст. А.-и дил дар номураттабӣ, бозистодан ва таппиши бетартибонаи он зоҳир мегардад. Бисёр шаклҳои А.-и дил барои кори дил ва ҳаёти одам чандон хатарнок нестанд. Бо вуҷуди ин дар мавриди пайдоиши нишонаҳои аввалини он ба духтур муроҷиат кардан зарур аст, зеро фақат муоинаи тиббӣ бо истифодаи электрокардиография имкон медиҳад, ки беморӣ ташхис шавад. А. зуҳурот ва тарзи пайдоиши мухталиф дорад. Дар ин маврид ҳолати асаб нақши муайян мебозад. Ба ҳама маълум аст, ки асабоният боиси тағйироти муайян дар суръат ва назми кашишхӯрии дил (аз ҷумла дар одамони солим) мешавад. Табиати рефлекторӣ (посухӣ) доштани баъзе шаклҳои А. ҳатто дар ашхосе, ки гирифтори ихтилоли кори дил нестанд, исбот шудааст. А. бисёр вақт дар одамоне, ки асабияи марказӣ ва вегетативии онҳо хароб гардидааст, инчунин ҳангоми бемориҳои эндокринӣ рӯй медиҳад. Аммо сабаби асосии А. иллати миокард ва системаи интиқолии дил мебошад. Бемориҳои гуногуне, ки ҳамроҳ бо ихтилоли сохти бофтаҳои дил ё равандҳои мубодилаи моддаҳо дар он ба амал меоянд, боиси пайдоиши шаклҳои сифат ва давомоташ гуногуни А. мегарданд. А.-и синусӣ номураттабии кашишхӯрии дил аст, ки ба тағйирёбии фаъолияти гиреҳи синоаурикулярӣ вобаста буда, аҳёнан ҳангоми бемориҳои дил дучор мешавад. Тезшавӣ (тахикардияи синусӣ) ва камшавии назми мӯътадил (брадикардияи синусӣ)-ро дар одамони комилан солим низ дар тӯли солҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Ногаҳон зуд-зуд тапидани дил (баъзан дар 1 дақ. то 200 зарба ва зиёда аз он)-ро хурӯҷи тахикардия меноманд. Аксаран бемороне, ки ба ин гуна хурӯҷи А. мубталоянд, ягон иллати дил надоранд. Муқаррар шудааст, ки пайдоиши чунин хурӯҷҳо ба аномалия (берабтӣ)-и модарзодӣ вобаста аст. А. баъзан тағйири табиии фаъолияти дил буда, ҷавобан ба таъсири омилҳои мухталиф (мас., ҳангоми варзиш, давидан, иҷрои кори вазнини ҷисмонӣ ва ғ.) ба амал меояд. А.-ро бо усули электрокардиография аниқ мекунанд.

АРИФМЕ́ТИКА (юн. arithmetike, аз arithmos – *адад*), илм дар бораи ададҳо ва амалиётҳои сода бо онҳо. А. пеш аз ҳама ададҳои натуралӣ (ададҳои бутуни мусбат) ва касрҳои ратсионалӣ ва амалҳо бо онҳоро меомӯзад. Донистани мафҳуми ададҳои натуралӣ ва иҷро кардани амалҳо бо онҳо дар фаъолияти амалӣ ва фарҳангии инсон зарур аст. Бинобар ин, А. унсури тарбияи томактабии бачаҳо ва фанни ҳатмии барномаи мактаби таҳсилоти умумӣ мебошад. Бо ёрии ададҳои натуралӣ бисёр мафҳумҳои математика (мас., мафҳуми асосии таҳлили математикӣ – ададҳои ҳақиқӣ) таъриф дода мешаванд. Аз ин ҷиҳат, А. яке аз фанҳои асосии риёзиёт мебошад. А. ба а*лгебра*, ки дар он ададҳо сарфи назар аз хусусиятҳои воқеиашон омӯхта мешаванд, зич алоқаманд аст. Хосиятҳои воқеии ададҳои бутунро *назарияи ададҳо* меомӯзад.

А. илми қадимиест, ки дар асоси талаботи зиндагии инсон ба вуҷуд омад ва бо мурури инкишофи воситаҳои истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоӣ, муомилоти пулӣ, масъалаҳои чен кардани вақт, масофа, сатҳ, инчунин талаботи илмҳои дигар босуръат инкишоф ёфт.

Маълумоти нахустин доир ба А. дар *папирусҳои* Мисри Қадим (2 ҳазор сол пеш аз м.) дучор мешавад. Мисриён барои ифодаи ададҳо тасвироти гуногунро истифода мебурданд, тартиб додан ва ҳал кардани *муодилаҳо*, *прогрессияи арифметикӣ ва прогрессияи геометриро* низ медонистанд. Бо вуҷуди ин А.-и даврои қадим амалӣ буду бас. Инкишофи назариявии А.-ро математикони Юнони Қадим оғоз намуданд ва асосгузори таълимоти ададҳои натуралӣ, назарияи таносуб, чен кардани бузургиҳо, назарияи ададҳои ирратсионалӣ гардиданд. Дар «Ибтидо»-и Уқлидус (а. 3 то м.) теоремаҳои асосии тақсимшавандагии ададҳо, алгоритм барои муайян кардани калонтарин тақсимкунандаи умумии ду адад (алгоритми Уқлидус) ва ғ. оварда шудаанд, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд. «Псаммит»-и Архимед (а. 3 то м.) бошад, дар пайдоиши мафҳуми қатори натуралии беинтиҳо мавқеи муҳим дорад; дар он ба ададҳои ҳар қадар калон имконпазир будани ному ишоратгузорӣ исбот шудааст. Нумератсияи юнониён хаттӣ (бо истифодаи ҳарфҳои алифбо) буд. Инкишофи минбаъдаи А. ба тараққиёти фарҳанги Ҳиндустон марбут аст, ки ба кишварҳои Осиёи Наздик ва Осиёи Шарқӣ (Хитой, Япония) таъсири худро расонд. Ҳиндуён дар ҳалли масъалаҳои пайваста бо истифодаи масъалаҳои алгебравӣ системаи ҳисоби мавқеии даҳиро ҷорӣ карданд, ки он иҷроиши амалҳои асосии А. (ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим)-ро осон гардонд.

Усулҳои ҳисоби шарқӣ аз а. 10 дар Европа паҳн ва маъмул шуданд. Дар ин бобат асари Муҳаммади Хоразмӣ «Ҳисоб-ул-ҳинд» роли муҳим бозид. Усули мавқеии ифодаи ададҳо ва мафҳуми *алгоритм* ба вуҷуд омад. *Ҷамшеди Кошонӣ* системаи касрҳои даҳӣ ва қоидаи амалҳо бо онҳоро баён кард. Дар асрҳои миёна риёзидонҳои Шарқи Наздик ва Миёна усули ҳарфии ифодаи адад – *абҷад*ро ба вуҷуд оварданд. Дар инкишофи А.-и асрҳои миёна *Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Ибни Сино, Насируддини Тусӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Алоуддини Қушчӣ* барин олимони Шарқ саҳми муҳим гузоштаанд.

Аз ибт. а. 17 дар натиҷаи инкишофи усулҳои ҳисобкунӣ ва талаботи амалия ба техникаи ҳисоб (масъалаҳои астрономияи баҳрнавардӣ, механика, муомилоти пулӣ ва ғ.) инкишофи А. вусъат ёфт. Навишти замонавии касрҳои даҳӣ ва мафҳуми *логарифм* (Ҷ. Непер) ба вуҷуд омада, ҳисобкуниҳо шакли замонавӣ гирифтанд.

Марҳилаи нави инкишофи А. – ба вуҷуд омадани асоси аксиоматии А. дар ибт. а. 19 оғоз ёфта, ба ҷараёни умумии аз нав баррасӣ гаштани асосҳои мантиқии математика алоқаманд буд (тадқиқоти Н. И. *Лобачевский*, Г. *Лейбнис* ва дигарон). Математики немис Г. Грассман (1809 – 77) системаи аксиомаҳоро интихоб

намуда, амалҳои ҷамъ ва зарбро тавре таъриф дод, ки муқаррароти дигари А. (мас., амалҳои тарҳ ва таксим) чун натиҷаи мантиқии амалҳои ҷамъ ва зарб бармеояд. Инчунин қонунҳои коммутативият, ассотсиативият ва дистрибутивияти (нисбат ба амали ҷамъ) амали зарб исбот гардид. Математики италиявӣ Ҷ. Пеано (1858 – 1932) тадқиқоти Грассманро давом дода, системаи мафҳумҳои асосиро (мафҳумҳое, ки бо истифодаи дигар мафҳумҳо таъриф дода мешаванд) муайян кард: мафҳуми адади натуралӣ, мафҳуми дар қатори натуралӣ аз паси як адад бевосита омадани адади дигар, мафҳуми узви аввалини қатори натуралӣ (ҳамоне ки ба сифати он 0 ё 1-ро қабул кардан мумкин аст).

Содатарин ифодаҳои А., ки дар натиҷаи ҳисоби одии объектҳо ва мушоҳидаҳои бисёрасраи инсон ба миён омадаанд, бояд ба қолаби содаи мантиқӣ мувофиқ бошад. А.-и муосир чун фанни математикавӣ маҷмӯъҳои беинтиҳои ададҳои натуралиро омӯзонда, тадқиқи мувофиқати ин ё он системаи аксиомаҳо ва таҳлили муфассали мазмуни хулосаҳои онҳоро тақозо мекунад. *А. Қурбонов.*

«АРИФМЕТИКА», асари асосии математики Юнони Қадим Диофанти Искандариягӣ (а. 3 то м.), ки аз 13 китоб иборат аст. То давраи мо танҳо 6 китоби аввал маҳфуз мондаанд. Китоби якум муқаддимаи муфассалро бо тавсифоти ишоратҳои истифодашуда дар бар мегирад. Номаълумро Диофант «адад» номида бо ҳарфи ς, квадрати номаълумро бо рамзи $\delta^{\text{У}}$ ишорат кардааст. Дар «А.» аломатҳои махсус барои дараҷаҳои минбаъдаи адади номаълум (ҳатто то дараҷаи шашум, ки «кубо-куб» номида мешуд) ва дараҷаҳои ба онҳо баръакс пешбинӣ шуда буд. Дар «А.» аломати ҷамъ мавҷуд нест: фақат аъзои мусбат наздик навишта мешаванду ҳар як аъзо аввал аз дараҷаи адади номаълум, сипас аз коэф-и рақамӣ иборат мебошад. Аъзои тарҳшаванда низ наздик навишта ва пеш аз тамоми гурӯҳи онҳо аломати махсус дар шакли Ψ-и чаппашуда гузошта мешавад. Аломати баробарӣ бо ду ҳарфи ισ (мухтасар аз ισος – «баробар») ишорат мегардад. Қоидаҳои овардани аъзо, ҷамъу тарҳи ҳамон як адад ё ифода ба ҳар ду тарафи муодила бори аввал дар «А.»-и Диофант оварда шуда буд (дертар ин қоидаҳо дар асарҳои Хоразмӣ «алҷабр ва алмуқобала» ном гирифтаанд). Қоидаи «зарби минус бар минус плюс мешавад» низ дар «А.»-и Диофант қайд карда шудаанд. Қисми зиёди «А.»-и Диофант аз маҷмӯи масъалаҳо бо ҳаллашон иборат мебошад (дар 6 китоби боқимонда 189 масъала мавҷуд аст). Муаммои асосии «А.»-и Диофант ёфтани ҳалҳои ратсионалии мусбати муодилаҳои номаълумдор аст. Ададҳои ратсионалиро Диофант чун ададҳои натуралӣ тавсиф медиҳад, ки ин ба математикони давраи Атиқа хос нест. Дар аввал Диофант муодилаҳои тартиби дуюмро бо адади номаълум таҳқиқ мекунад ва дар ҳолати маълум будани як ҳал усулҳои ёфтани ҳалҳои дигарро пешниҳод карда, усулҳои ба ин монандро ба муодилаҳои дараҷаҳояшон олӣ татбиқ менамояд.

Бори аввал «А.»-и Диофант ба забони арабӣ дар а. 10 тарҷума шуда, ба таҳқиқоти илмии олимони Шарқ таъсири худро гузоштааст.

М. Хоҷабекова.

АРИФМО́МЕТР (юн. arithmos – адад ва metreo – чен мекунам), ҳисобмошини рӯимизӣ барои иҷрои амалҳои математикӣ. А. аз механизмҳои рақамчину ҳисобкунак, гузаронидани рақамҳо, ҳисобкунаки адади гардишҳо ва натиҷа, олати маҳви натиҷа, ҳаракатовари дастӣ ё электрикӣ иборат аст. А. олати рақамӣ буда, ҳисобкунакҳои он ба хатогиҳои ченкунӣ вобаста нестанд ва мутлақ саҳеҳ мебошанд. А. махсусан барои иҷрои амалҳои зарбу тақсим пурсамар буда, амалҳои ҷамъу тарҳ суст-тар иҷро карда мешавад.

Таърихи ихтирои А.-ҳо хеле қадима аст. Ҳанӯз дар с-ҳои 150 – 100 то м. дар Юнони Қадим асбоби механикиеро ихтироъ карда буданд, ки барои ҳисоби ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ истифода мешуд. Соли 1623 В. Шиккард «соати ҳисобкунанда»-ро сохт, ки тарзи кораш ба асбоби юнониҳо монанд буд. Соли 1642 олими франсавӣ Б. Паскал барои сабук кардани кори падараш (ҳисобкунии андоз) мошинаи ҷамъкунандаи «паскалина»-ро сохт. Аввалин А. ҳисобмошини механикие буд, ки онро с. 1672 математик ва файласуфи немис Г. В. Лейбнитс ихтироъ кард. Соли 1820 Тома де Колмар истеҳсоли А.-ҳоро оғоз кард, ки ба А.-и Лейбнитс монанд буда, бо сохторашон фарқ мекарданд. Соли 1890 механики петербургӣ В. Т. Однер истеҳсоли А.-ҳои худро дар Россия ба роҳ монд, ки яке аз намудҳои пахншудаи А.-ҳои а. 20 маҳсуб мешавад (А.-и машҳури «Феликс» аз ҳамин қабил аст). Соли 1919 якумин А.-и автоматӣ (Mercedes-Euklid VII) пайдо шуд, ки ҳар чор амалҳои арифметикиро мустақилона иҷро мекард. Охири с-ҳои 70 – ибт. 80 а. 20 ҳисомошинҳои электрикие (калкуляторҳо) пайдо шуданд ва А.-ҳо аз истифода баромаданд.



Арифмометр (1952).

АРИЭ́Л (англ. Ariel), яке аз равшантарин радифони калони *Уран*. А. 40 фоизи равшании афтандаро инъикос мекунад. А.-ро У. Лассел кашф карда (1851) номашро Ҷ. Гершел пешниҳод кардааст. Тахмин меравад, ки А. аз 50 фоиз яхи обӣ, 30 фоиз ҷинсҳои сангӣ ва 20 фоиз яхи метан иборат аст. Сатҳи А.-ро тангноҳо ва водиҳо убур мекунанд. Дар А. минтақаҳои калон бо миқдори ками танӯраҳо мавҷуданд. Ин аз фаъолнокии геологии А. шаҳодат медиҳад. Сатҳи А. дар бисёр ҷойҳо бо



Сатҳи Ариэл.

таҳшинҳои маводи сафед (шояд қирави обӣ бошад) пӯшида шудаанд. Баландии деворaҳои водиҳои рифтӣ то 10 км-ро ташкил медиҳад. Баъзе минтақаҳои он ҳамворанд ва гӯё бо лойи моеъ пӯшида шуда бошанд, ки ин далолати мавҷуд будани селаҳои моеъ дар гузаштаи наздики геологӣ мебошад. Манбаи энергияи фаъолнокии А. номаълум аст, зеро таъсироти мадду ҷазрии он ба дигар ҷирмҳои осмонӣ зоҳир нагардидааст. Ҳамчун дигар радифони нисбатан калони Уран фақат як тарафи А. ҳамеша ба сайёра нигаронда шудааст. Мутаассифона, танҳо рӯяи бо Офтоб равшаншудаи А. тадқиқ карда шудааст.


А́РИЯ (итал. Aria – суруд, оҳанг),1) суруди мукаммали шаклан итмомёфта, порча аз опера, оратория, ки ҳофиз дар ҳамоҳангии оркестр иҷро мекунад. А., одатан, барои ифшои эҳтиросоти ботинӣ, хислат ва майлу рағбати қаҳрамони опера ёрӣ мерасонад ва санъати баланди сарояндагиро тақозо менамояд. Дар мусиқии Европаи Ғарбӣ А. ҳанӯз а. 15 маълум буд. Дар Франсия (а. 16) навъҳои гуногуни А. пайдо шуданд. Баъзе композиторони франсавӣ (М. Ламбер, М. Лабар) А.-ро шаклан такмил дода, ба он бандҳои иловагии вариатсиядорро илова намуданд. Марҳилаҳои дигари инкишофи А. бо эҷёи мусиқии вокалӣ-операвии италиявии а. 17 – 18 вобастагӣ доранд. А. минбаъд дар санъати операи ҷаҳонӣ тадричан нақши намоён пайдо кард (мас., А.-и Кармен аз операи «Кармен»-и Ж. Бизе, А.-и Баттерфляй аз операи «Чио-Чио Сан»-и Пуччини, А.-и Мефистофел аз операи «Фауст»-и Ш. Гуно). Авҷи инкишофи А. дар мусиқии операвии рус ба эҷодиёти М. И. Глинка иртибот дорад. Имконият ва ҷиҳатҳои хоси А. дар эҷодиёти композиторони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ С. С Прокофев, Д. Д. Шостакович, Д. Б. Кабалевский, З. П. Палиашвилӣ, А. А. Спендиаров, М. А. Ашрафӣ ва дигарон фаровон истифода шудааст. Композиторони тоҷик барои ифшои эҳсосот ва эҳтироси ботинии қаҳрамонони операҳо аз А. моҳирона истифода намудаанд (А.-и Комде аз операи «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, А.-и Пӯлод аз операи «Пӯлод ва Гулрӯ»-и Ш. Сайфиддинов). Инчунин А. дар операҳои «Бозгашт»-и Ё. Сабзанов, «Лаънаткардаи халқ» ва «Қишлоқи тиллоӣ»-и Д. Дӯстмуҳаммадов, «Рустам ва Сӯҳроб»-и Т. Сатторов ва дигарон хеле рӯҳнавоз истифода шудааст. Ариетта, ариозо, каватина, каболетта ва ғ. навъҳои А. мебошанд; 2) пйесаи консертии шабеҳи А.-и операвӣ барои яккахон; 3) номи пйесаҳои мавзун дар мусиқии созӣ.

Ш. Хабибов.

АРК, ёдгории бостонии меъморӣ. Қалъаи амир ё ҳокимнишин дар дохили ҳисори шаҳр, қасри подшоҳӣ. Дар манбаъҳои асримиёнагии Шарқ бо истилоҳи куҳандиз, кох ва қаср маъмул аст. Одатан, А. дар маркази шаҳр ҷойгир шуда, дар баландии табиӣ ё болои суфаи баланди махсус бунёд мегардид. Атрофи он девори мустаҳкам, аз як тараф ё ду тараф дарвоза дошт. Дар дохили А. саройи шоҳон ва амирон, манзилгоҳи амалдорон ва сарлашкарон, девон, зарбхона ва зиндон, масҷид, ҳаммом, барои бандиён канахонаю обхона мавҷуд буд. Барои таъмиру тармими сохтмон, девори қалъа ва иморатҳои он аз тарафи ҳукумат мансабдори махсус – кутвол таъйин мегардид. Ин қабил А.-ҳо дар Самарқанд, Бухоро, Хева, Тирмиз, Урганҷ, Қӯқанд, Тошканд ва дигар ш-ҳои калони Осиёи Миёна сохта шудаанд. Дар бештари онҳо ҳафриёт гузаронда шудааст. Аз ҷумла дар А.-и Бухоро дар натиҷаи ҳафриёт бозёфтҳои нодири бостонӣ ба даст омаданд, ки онҳо аз таъриху давру замон, таърихи бунёди А., вазъу шароити зиндагии мардум, машғулияти мардум ва ғ. маълумоти ғанӣ медиҳанд. Дар назди дарвозаи А. қатлу ҷазодиҳӣ сурат мегирифт. Имрӯз А.-ҳо ба музейҳои таъриху кишваршиносӣ табдил ёфтаанд. А.-ҳои Бухоро ва Хева имрӯз ҳам ба хубӣ маҳфуз мондаанд.

АРКИ БУХОРО́, ёдгории меъморӣ ва таърихӣ, яке аз қалъаҳои қадимаи Бухоро. Сохтмонаш а. 3 то м. сар шуда, дар даврai сулолаи шайбониҳо шакли ансамбли меъмориро гирифтааст. Мувофиқи маълумоти китоби «Хазоин-ул-улум», ки Муҳаммади Наршахӣ дар *«Таърихи Бухоро»* овардааст, бунёди он ба аҳди Сиёвуш рост меояд. Сиёвуш, писари Кайковус аз падари худ гурехта, рӯди Ҷайҳунро мегузарад ва назди Афросиёб меояд. Афросиёб ӯро хуб қабул карда, ба вай духтараш ва вил. Бухороро медиҳад. Сиёвуш барои аз худ ёдгорӣ гузоштан ин қалъаро бино мекунад. Ҳасудон фитна ангехта, Сиёвушу Афросиёбро ҷанг меандозанд. Дар натиҷа Афросиёб Сиёвушро мекушад. Сиёвушро дар баромади дарвозаи шарқии қалъа – Ғуриён (ё Дарвозаи Алаффурӯшон) дафн мекунанд. Қалъа муддати дароз вайрону валангор буда, дар замони Бухорхудот барқарор карда шуд, вале баъд вайрон шуд, Ҳарчанд кӯшиш намуданд, онро барқарор карда натавонистанд. Олимон ба хулоса омаданд, ки қалъа бояд аз рӯи нақшаи бурҷи Ҳафтдодарон (Дубби Акбар) сохта шавад. Вақте ки қалъаро аз рӯи нақшаи олимон сохтанд, вай дигар вайрон нашуд.

А. Б. таърихи қадима дошта (аз рӯи ҳафриётҳо ба а. 3 то м. тааллуқ дорад), дар натаҷаи ҷангҳо борҳо вайрон ва аз нав барқарор карда шудааст. Соли 1139 – 40 Хоразмшоҳ Бухороро забт намуда, амир Зангиалиро ба қатл расонд ва қалъаро хароб кард. Соли 1142 Алптегин волии Гӯрхон дар Бухоро таъйин шуд. Ӯ қалъаро аз пештара зеботар таъмир карда, дар он ҷой гирифт. Соли 1144 ғузҳо ба Бухоро ҳуҷум намуда, қалъаро хароб



Арки Бухоро, а-ҳои 18 – 19.

карданд. Солҳои 1164 – 65 барои девор гирифтани атрофи Бухоро хишти пухта лозим шуд. Хишти пухтаи таҳкурсӣ ва манораҳои қалъаро канда дар сохтани девор истифода бурданд. Солҳои 1207 – 08 Муҳаммади Хоразмшоҳ қалъаро аз нав барқарор кард. Соли 1220 қӯшунҳои муғул муҳофизони қалъаро кушта, А. Б.-ро талаву тороҷ ва хароб намуданд. Дар замони Шайбониён (а. 16) А. Б. аз нав таъмиру тармим гардида, симои мукаммал гирифт. Бори охир А. Б.-ро с. 1920 болшевикон бомбаборон намуда хароб карданд.

Шакли арк чоркунҷаи номутаносиб, баландиаш 20 м, масоҳ. 4 га. Деворҳояш дар ибтидо аз хишти хом ва баъд аз хишти пухта сохта шудаанд. Бинои арк бисёркунҷа буда, дар тӯли мавҷудияташ борҳо хароб ва аз нав барқарор гардидааст. Дарвозаи шаркӣ дар а. 15 ва ғарбӣ дар а. 16 сохта шудаанд. Дар болои пештоқи умқии пойконшакл нақорахона, дар ду тарафи пештоқи дарвозаи ғарбӣ «гулдастаҳо» ҷойгиранд. Девори чапи долони дароз, ки то дохили арк мерасад, 12 таҳмон – тоқча ва девори тарафи рост 13 таҳмон дорад. Баъзе таҳмонҳои тарафи чап дарича доранд, ки роҳаш ба зиндон (обхона) мебарад. Зери «гулдаста»-ҳо барои нигоҳ доштани гунаҳкорон «канахона»-ҳо мавҷуд буданд. Дар дохили А. Б. девонхонаҳо, биноҳои истиқоматӣ, қасри амир, Масҷиди ҷомеъ, масҷиди хурд (барои аҳли оилаи амир), зарробхона, заргархона, ҳавлӣ, маҳкамаи қушбегӣ, зиндон, ҳарам, саломхона, хазинаи амир, борутхона, ҳаммом, саисхона, устохонаҳо, қорихона ва 18 мусофирхона вуҷуд доштанд. Пешайвони Масҷиди ҷомеъ бо нақши *гиреҳ* оро дода шудааст. Дар қисмати шим. ғарби арк манзили сардори тӯпчиён ва назоратчии таъмиргоҳ, дар тарафи шарқи Масҷиди ҷомеъ ошхона, дар қафои он сиккахона, дар тарафи шимоли шарқи сиккахона заргархона, дар ҷан. он маҳкамаи девонбегӣ, қушбегӣ ва биноҳои дигар мавҷуд буданд (баъзеи онҳо то имрӯз боқӣ мондаанд). Роҳи борике, ки аз Масҷиди ҷомеъ сар мешуд, аз дохили ҳавлии қушбегӣ гузашта дар чорсӯ мепайваст. Дар тарафи чапи чорсу ҳавлии калони ташрифотӣ воқеъ буд, ки дар он сафиронро қабул мекарданд, инчунин маросимҳои ба тахт нишастани амирон ҷашн гирифта мешуд. Дар даромадгоҳи ҳавлӣ пештоқи мунаққаше мавҷуд будааст. Се тарафи ҳавлӣ пешайвон дошта, дар пешайвони аввал ду қатор сутунҳои нақшдори муқарнасӣ устувор буданд. Тахти аз мармари Нурато сохташуда дар зери тахти равони ҳамин айвон гузошта шуда буд. Дар тарафи ҷануби ҳавлӣ «Меҳмонхонаи Раҳимхонӣ» ва қорихона ҷойгир шудааст. Дар тарафи ғарби арк барои мирзоҳо ва дигар нӯкарони амир бинои дуошёнае мавҷуд буд. Каме дуртар саломхона, дар қисмати шарқии он меҳмонхона ва истиқоматгоҳи амиру дигар мансабдорон, ҷанубтар аз он ҳаммом ҷойгир буд. Масҷиди хурде, ки дар тарафи шарқи ҳаммом мавҷуд буд, то имрӯз вуҷуд дорад. Дар маркази арк ӯрда (хонае, ки занҳои амир мезистанд), дар шим. он хонаҳои занони қушбегӣ, дар тарафи шарқи ҳаммом духтархона (ҳарами амир), дар қисми шим. шаркӣ масҷиди Чилдухтарон, мазори Ғозибаттол, дар қисми шарқии арк ғуломбача (казарма), дар тарафи ҷан. шарқӣ борутхона ҷо гирифта буд (як қисми биноҳои девори ғарбии арк то имрӯз қисман боқӣ мондааст). Дар шафати дарвозаи арк барои нигоҳ доштани тӯпҳо пешайвоне вуҷуд дошт. Дар самти чапи дарвоза меҳмонхонаи лашкарбошӣ ва дар шим. он қӯрхонаи таъмири аслиҳа буд. Дар аҳди Саид Олимхон дар А. Б. қариб 3000 кас зиндагӣ мекард. Ҳоло танҳо 30 фоизи биноҳои А. Б. боқӣ мондааст. Берун аз арк дар майдони Регистон низ биноҳои зиёде мавҷуд буданд. Дар дохили А. Б. дар майдони 120 × 100 м ҳафриёт гузаронда шуд, ки осори биноҳо, зарфҳои сафолӣ ва маснуоти филизӣ ба қабати аввал (а. 10), осори масҷиди харобгардида, ҳавлию хонаҳо ва долонҳо ба қабати дуюм (а. 15.) тааллуқ дошт. Бозёфти ҳафриёт хеле ғанӣ буд, аз ҷумла зарфҳои сафолии марбути а. 18 ва ибт. а. 19 хеле ҷолибанд. Ин кашфиёт аз тараққиёту пешрафти ҳунармандии он замон шаҳодат медиҳад. Ҳангоми ҳафриёт аз қабати боқимондаи харобаи бунлодҳо мӯриҳои аз дуд сиёҳшудаи гармидиҳандаи биноҳо ёфт шуданд. Аз пойдевори ҷануби арк боқимондаи қубурҳои сафолӣ ба даст омадаанд, ки ба маркази арк тӯл кашида буданд. Тахмин меравад, ки инҳо воситаи гармигузаронии қадиманд. Дар А. Б. чоҳи махфии корезмонанде вуҷуд доштааст, ки роҳи зеризаминии аркро бо ҳавзи Лесак мепайваст (ҳавз берун аз арк, дар қисми ҷануби он воқеъ буд). Ин васоили махфии таъмини об барои рӯзи муҳосира таъйин гардида буд. Дар натиҷаи ҳафриёти с. 1990 дар ҳудуди меҳмонхонаи амир ва атрофи он пойдевори ҳуҷраҳо, дар мобайни ҳавлиаш суфа, поёнтар ташноб, яххона ва ҳаммом пайдо гардид. Ҳаммом аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, обрави зеризаминиашро то заҳкаши берунишаҳрӣ кашида будаанд. Гӯлаҳҳои дар чаҳор тарафи ҳаммом ҷойгирифта ҳарорати обро як хел нигоҳ медоштанд. Яхи яххонаро то ох. тирамоҳ метавонистанд нигоҳ доранд. Дар чуқурии 2,5 – 3м аз сатҳи замин роҳи зеризаминӣ пайдо карда шуд. Ба муносибати 2500-солагии Бухоро (1997) тахтгоҳи ҳавлии дохили аркро таъмир карда, шакли пешинаашро барқарор намуданд. Деворҳои арк таъмиру таҷдид, дарвозаи «Ғуриён» рост карда, дигар корҳои ободонӣ роҳандозӣ шуданд. Ҳоло дар А. Б. Музей– мамнӯъгоҳи давлатии меъморию бадеии вил. Бухоро ҷойгир аст.

Ад.; Андреев М. С., Чехович О. Д., Арк Бухары, Д, 1972; История Бухары, Ташкент, 1976; Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар Наршахӣ, Таърихи Бухоро, Д., 1980, Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси, ҷ. 2., Тошкент, 2001. *Н. Шарипов, М. Холов.*

АРККО́СИНУС (лот. arcus – камон ва *косинус*), яке аз *функсияҳои тригонометрии баръакс*. Ишорataш *Arccos x* ё *arccos x*.

АРККОТА́НГЕНС (лот. arcus – камон ва *котангенс*), яке аз *функсияҳои тригонометрии баръкс.* Ишорataш *Arcctg x* ё *arcctg x*.

АРКО́НИ АРБАЪА, ниг. *Аносир.*

АРКО́НИ ДИН (аз ар. – ҷамъи поя ва *дин*), расму ойини асосии дини ислом, ки донистану риоя кардани он барои ҳамаи мусулмонон ҳатмӣ аст. Дини ислом панҷ рукни асосӣ дорад: шаҳодат, салот (намоз), савм (рӯза), закот ва ҳаҷ. Рукни аввали он дар «ло илоҳа иллалоҳу ва Муҳаммадан расулуллоҳ» аст. Гардондани ин калимаи шаҳодат мувофиқи таълимоти динӣ барои ҳамаи мусулмонон ҳатмӣ буда, ба тавҳиди илоҳӣ ва расули ӯ Муҳаммад (с) ишора мекунад. Рукни дуюми дини ислом салот ё худ намози ҳаррӯзаи панҷвақта аст. Он фармоиши Худо ба ҳисоб рафта, ба ҷо овардanaш барои мусулмонон ҳам фарз асту ҳам суннат. Маънои асосии намоз аз арзи ҳоҷату ниёз ва мадҳу санои Аллоҳ иборат аст. Рӯза (савм) рукни сеюми дини ислом буда, мувофиқи он ҳар сол дар моҳи нӯҳуми солшумории ҳичрии қамарӣ (рамазон) бояд ҳар мусулмони болиғ аз хӯрдану нӯшидан ва истеъмоли чизҳои кайфовар худдорӣ кунад. Закот ҳамчун рукни ислом маблағест, ки дар мамлакатҳои исломӣ аз даро-

мад ва дороии қисми муайяне «ихтиёран» ба ҷамоаҳои динӣ дода мешавад. Ҳаҷ рукни охирини дини ислом аст, ки аз зиёрати Каъба дар моҳи зулҳиҷҷа (моҳи 12-уми тақвими қамарии мусулмонӣ) иборат мебошад. *С. Аҳмадов.*

АРКО́НИ МУСИҚӢ, унсури зарбиест, ки дар мусиқии классикии тоҷику форс низоми зарби дафро дар оҳанг ба вуҷуд меоварад. А. м. одатан ба *иқоъ* мутааллиқ буда, аз сабабу *ватад* ва *фосила* иборат аст. Агар *атонии* ягон оҳангро ба назар гирем, муайян мешавад, ки он аз кадом рукнҳо таркиб ёфтааст, яъне аз рӯи гаронию сабукии зарбҳо А. м. маълум мегардад. Мас., А. м.-и усули «Рамал» чунин аст: Аз рӯи зарбот вай ба доираи чоруми зарбӣ мутааллиқ буда, рукни он аз 3 зарб, яъне 8 нақра иборат аст, ду сабаби сақил ва як фосилаи кубро: тана-тана-тананин, бака-бака-бака-бум. *И. Раҳимов.*

АРКОНӢ, навъе аз харбузаҳои дерпаз. Асосан дар вил. Суғд, водии Вахшу Ҳисор, инчунин вил-ҳои Самарқанду Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон мепарваранд. Баъди 110 – 115 рӯзи кишт пухта мерасад. А. хеле серҳосил аст; ҳар палакаш 3 – 4 харбуза мебандад. Самараш тухмшакл, дарозиаш 30 – 40 см, вазнаш 4 – 8, баъзан то 16 – 20 кг. Пӯсташ чиндор, рангаш сабзтоб (доғҳои майда дорад). Мағзаш сабзи кушод, ғафс (5,5 – 6 см), сершира, ширину хуштаъм, 8 – 9,1% қанд ва 8,6 – 11,3% моддаҳои хушк дорад. Тухмаш калони каҷҷак, рангаш зарди кушод. Аз ҳар га 200 – 405 сентнер ҳосил мегиранд. Барои дар зимистон нигоҳ доштан (дар Хуҷанд онро то иди Наврӯз нигоҳ медоранд) ва ба роҳи дур кашондан хеле мувофиқ аст. Дар заминҳои навкорам ҳосили фаровон медиҳад. А. ба касалиҳои пажмурдагии фузариозӣ ва гарда тобовар аст.

Ад.: Гулмамадов М., Зироатҳои полизии Тоҷикистон, Д., 1985; Дастури полизкор, Д., 1987.

АРКСИ́НУС (лот. arcus – камон ва *синус*), яке аз *функсияҳои тригонометрии баръакс*. Ишорataш *Arcsin x* ё *arcsin x*.

АРКТА́НГЕНС (лот. arcus – камон ва *тангенс*), яке аз *функсияҳои тригонометрии баръакс* аст. Ишорataш *Arctg x ё arctg x.*

А́РКТИКА (юн. Arktikos – шимолӣ), ноҳияи қутби шимолии кураи Замин. А. канори қитъаҳои (материкҳои) Евроосиё ва Америкаи Шимолӣ, қариб тамоми Уқёнуси Яхбастаи Шимолиро бо ҷазираҳояш (ғайр аз ҷазҳои наздисоҳилии Норвегия), инчунин қисмҳои ҳамҳудуди уқёнусҳои Атлантик ва Оромро дар бар мегирад. Сарҳади А. бо сарҳади ҷанубии минтақаи тундра мувофиқ омадааст. Масоҳ. А. (якҷоя бо сатҳи об) қариб 27 млн км^2; бештар аз нисфи онро Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ ташкил медиҳад. Баъзан ҳудуди ҷанубии А.-ро то доираи Қутби Шимолӣ (66°33' а. ш.) маҳдуд мекунанд ва дар ин сурат масоҳ. 21 млн км^2 мешавад. Ба хушкии А. қисме аз ҳудудҳои Россия (вил-ҳои Мурманск, Магадан, Камчатка, қисми вил. Тюмен, кишвари Красноярск, Ёқутистон ва ғ.), Канада (Юкон, қисми шимолии Квебек ва Нию Фуандленд ва ғ.), штати Аляскаи ШМА, Дания (Гренландия, ҷаз-ҳои Фарер), ҳудудҳои шимолии Норвегия (Шпитсберген), Шветсия, Финляндия дохил мешаванд.

Сохти геологӣ, релйеф ва сарватҳои зеризаминӣ. Сохти таркибии А. давоми сохти таркибии уқёнусҳои Атлантику Ором аст. Дар таркиби хушкиҳояш *шелф* ва ҷаз-ҳои ҳамҳудудаш маҷмӯи мураккаби таҳнишастҳои токембрий, палеозой ва мезокайнозой, инчунин ҷинсҳои магмавии гуногунтаркиб ҷой доранд. Ба ҳудуди А. ноҳияҳои платформаи қадим дохил мешаванд, ки онҳоро силсилаҳои чиндори байкалӣ, каледонӣ, герсинӣ ва мезозоӣ аз ҳам ҷудо мекунанд. Платформаҳои баҳрҳои Баренсу Кара, Гипербореи ва Сибири Ғарбӣ аз ҷумлаи платформаҳои байкалӣ ва палеозоианд. Дар бисёр ҷойҳои А., махсусан дар ҳудуди баҳрҳои Гренланд ва Лаптевҳо, зилзилаҳои иқтидорашон 6 – 8-баллӣ рух медиҳанд. А. аз рӯи хусусияти релйефӣ ба ду минтақаи морфологӣ ҷудо мешавад: 1) шелфи калонтарини ҷаҳон бо ҷаз-ҳо ва канораҳои ҳамшафати материкҳо; 2) қисми марказӣ – ҳавзаи арктикӣ бо пастиҳои амиқ (чуқуриашон то 5527 м) ва қ-кӯҳҳои зериобии Ломоносов ва Менделеев, ки баъзе қуллаҳояшон рӯи об баромада ҷазираҳои кӯҳӣ (баъзеашон вулқонӣ) ташкил кардаанд (Буве, Крозе, Маккуорӣ, Скотт ва ғ.). Дар А. захираҳои калони истифоданашудаи энергетикӣ – газ ва нефт (дар ҳудуди россиягии А.-и ғарбӣ конҳои гази Штокман, Русанов), инчунин конҳои ангиштсанг, ангишти сиёҳтоб, лигнит, намаксанг, маъдани металлҳои ранга ва нодир, ашёи хоми оптикӣ ва ғ. мавҷуданд.


Иқлими А. ниҳоят сард аст. Норасоии радиатсияи офтоб (0°C дар



Манзараи Арктикӣ.

гармтарин моҳҳо), гардиши массаҳои ҳавои сард дар атмосфера, яхбандии сатҳи об (11 млн км^2 дар зимистон ва 8 млн км^2 дар тобистон), шамолҳои сахт (15 м/с ва бештар), бӯронҳо (дар соҳилҳо суръати шамол ба 50 м/с расида, то чанд ҳафта идома меёбад), ҳавои абрнок, боронҳои доимию туман хусусиятҳои асосии табиати А. мебошанд. Хоки А. асосан яхбаста буда, тобистон дар баъзе мавзеъҳо 30 – 40 см-и он об мешавад. Яхбандии мутлақ хусусияти ноҳияҳои континенталии қисми осиёии А. аст; мас. дар шим. шарқии Ёқутистон қабати яхбандӣ то 300 – 500 м мерасад. Ҳодисаи гармшавии глобалӣ дар А. нисбат ба тамоми олам ду баробар босуръаттар буда, дар ҳар нуқтааш ҳар хел зоҳир мешавад. Ҳарор. миёнаи моҳи янв. дар Ҷ.-и А. то –25°C, дар Шим. Баҳри Баренс, Ғ.-и Баҳри Гренландия, баҳрҳои Баффин ва Чукотка –32 –36°C; дар Сибир, Шим. Канада ва қисми бо он ҳамҳудуди ҳавзаи арктикӣ то –45 –50°C буда, баъзан то –55 –60°C паст мефарояд. Ҳарор. миёнаи моҳи июн +2, +3°C мешавад. Ин зуҳурот оқибатҳои бад дошта, боиси нобудшавии чандин намудҳои олами наботот ва ҳайвонот мегардад. Хатари гармшавии глобалӣ ба ҳаёти сокинони таҳҷоӣ низ таҳдид мекунад. Ҳоло ташкилоти Шӯрои Арктика таъсис ёфтааст, ки ҳимояи халққои А. ва кишварҳои арктикиро бар дӯш дорад. Миқдори яхҳои А. низ торафт кам мегардад: дар зарфи 30 соли охир ҳаҷми онҳо ду баробар кам шудааст.

Олами органикӣ. Наботот дар А. кам ва хеле тунук мерӯяд. Аз 4 ҳазор ҳайвоноти ширхори олам танҳо 60 намуд ва аз 500 ҳазор намуди наботот танҳо наздики 1000-и он дар А. вомехӯранд. Аз растаниҳо асосан (дар Ҷ.) ушна, гулсанг, буттаҳои тӯс ва бед мерӯянд. Маргзору ботлоқзори бисёр дорад. Соҳили дарёҳо аз растанӣ бой буда, тундраҳои буттаӣ ҷо-ҷо ба бешаҳои тундравӣ иваз мешаванд. Дар ҷойҳое, ки ҳавояш хушктар ва иқлимаш континенталӣ аст,


УКЁАНУСИ ОРОМ
ЧАЗИРАИ ШИМОЛӢ
ЧАЗИРАИ ҶАНУБӢ
ЧАЗИРАИ ҒАРБӢ
ЧАЗИРАИ ШАРҚӢ
ЧАЗИРАИ ҚУТБӢ
ЧАЗИРАИ ҚУТБИИ ШИМОЛӢ
ЧАЗИРАИ ҚУТБИИ ҶАНУБӢ
ЧАЗИРАИ ҲАРОРАТИ ҒАРБӢ
ЧАЗИРАИ ҲАРОРАТИ ШАРҚӢ
ЧАЗИРАИ ҲАРОРАТИ ШИМОЛӢ
ЧАЗИРАИ ҲАРОРАТИ ҶАНУБӢ
ЧАЗИРАИ ЭКВАТОРИАЛӢ
ЧАЗИРАИ ҲАРОРАТ

бешаҳо анбӯҳтар шуда шакли тайгаро мегиранд (дар самти Шим.). Олами ҳайвоноти А. асосан аз бемӯҳраҳо иборат аст. Дар байни мӯҳрадорон парандаҳои гага, мурғобӣ, бакланҳо, моҳихӯракҳо ҳастанд, ки ба миқдори даҳҳо ҳазор ҷамъ шуда дар соҳилҳо бозори парандагон ташкил мекунанд; аз ширхорҳо хирси сафед, рӯбоҳи қутбӣ, гавазни шимолӣ; дар баҳр моржу тюленҳо ҳастанд. Ширхорҳо бештар дар баҳрҳои Беринг ва Чукотка мавҷуданд, ки аз онҳо китҳои хокистарранг ва гренландӣ ба «Китоби Сурх»-и байналхалқӣ ворид карда шудаанд. Дар Шим. Канада ва Гренландия говмешҳо боқӣ мондаанд. Хоҷагиҳои оҳупарварӣ ва моҳидорӣ мавҷуданд. Тамоми сокинони таҳҷоии тундра, бешаҳои тундравӣ ва канораҳои Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ зиёдтар аз 300 ҳазор нафар буда, асосан шикорчиёни баҳрӣ, оҳупарварони кӯчманчӣ, моҳидорон ва сайёдон мебошанд. Мардумони асрҳои миёна дар А. маскуншуда асосан якутҳо, комиҳо, исландиягиҳо ва норвегиягиҳо мебошанд, ки дар тайга умр ба сар мебаранд. Шумораи умумии сокинони тундра ва бешаҳои А. наздики 3,5 млн аст (аз чаҳор се ҳиссаи он шаҳрвандони Россия). Наздиктар ба Шимол, аз 78° а. ш. сар карда, ягон нуқтаи аҳолинишин во намехӯрад.

Таърихи тадқиқот. Омӯхтани А. аз а. 12 оғоз ёфтааст. Дар а. 17 саноатчиёни рус ва казакҳо (М. Ребров, М. Стадухин, С. Дежнёв) қад-қади соҳилҳои шим. Сибир роҳ паймуда, дар байни Осиё ва Америкаи Шимолӣ гулӯгоҳеро кашф намуданд. Дар а-ҳои 16 – 17 экспедитсияҳои Уиллобӣ, В. Баренс, Х. Гудзон, Д. Дейвис, У. Баффин ва дигарон бо мақсади ёфтани гузаргоҳҳои шим. шарқӣ ва шим. ғарбӣ сафарбар шуда, як қатор галаҷаз. ва ҷазираҳоро кашф карданд. Солҳои 1893 – 96 экспедитсияи Ф. Нансен бо киштии «Фрама» аз байни яхҳои ҳавзаи арктикии назди Шписберген гузашт. Экспедитсияҳои намоёни а. 20 экспедитсияҳои Р. *Амундсен* (1903 – 06 ва 1922 – 24), расидани сайёҳи америкоӣ Р. Пирӣ (1909) ба Қутби Шимолӣ ва парвози трансарктикии В. П. Чкалов ва М. М. Громов (1937) буданд. Баҳрнавардони рус аввалин бор дар а. 18 бо ташаббуси М. В. Ломоносов ба омӯхтани дарунтари А. шурӯъ карданд. Баъди Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр тадқиқи А. мунтазам давом дода шуд. Моҳи майи 1937 экспедитсияи ҳавоӣ бо сардории О. Ю. Шмидт нахустин пойгоҳи сайёри ҷаҳон – «Северный полюс-1»-ро, ки роҳбараш И. Д. Папанин буд, дар ноҳияҳои Қутби Шимолӣ ба рӯи ях фуровард. Солҳои 1937 – 40 киштии советии «Георгий Седов» дар зарфи 812 рӯз қисми зиёди таҳқиқнашудаи А.-ро тай намуд. Корҳои илмии тадқиқотие, ки СССР дар даврai дуюми Соли байналхалқии қутбшиносӣ (1932 – 33) ва Соли байналхалқии геофизикӣ (1957 – 59) гузаронд, дар омӯзиши А. марҳалаи нав гардиданд. Аз с. 1950 пойгоҳи сайёри «Северный полюс» ва экспедитсияҳои қутбӣ машғули тадқиқот шуда, с. 1973 омӯзиши комплексии океанографӣ (уқёнусшиносӣ), гидрометеорологӣ (обуҳавосанҷӣ) ва геофизикии баҳрҳои арктикӣ, резишгоҳҳои д-ҳои Сибир, Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ идома ёфт ва бори аввал «Атласи Арктика» тартиб дода шуд. Тадқиқи захираҳои обии А., омӯхтани роҳҳои киштигард дар баҳрҳои арктикӣ барои илм ва хоҷагии халқ аҳамияти бузург дошт. Солҳои 70 а. 20 дар А. 178 пойгоҳи гидрометеорологӣ, 7 пойгоҳи автоматӣ ва 5 нуқтаи сайёри автоматии советӣ кор мекарданд. Оид ба низоми гидрометеорологии А., масъалаи алоқамандии уқёнус бо атмосфера, тавозун ва захираҳои оби ноҳияҳои хушкии Қутби Шимолӣ ва Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ тадқиқоти илмии назаррас бурда, аввалин бор «Атласи тавозуни энергетикии ноҳияҳои Қутби Шимолӣ» тартиб дода шуд. Экспедитсияҳои уқёнусшиносӣ бо киштиҳои «Шторм», «Маяк» ва «Шквал» дар баҳрҳои арктикӣ, киштиҳои тадқиқоти илмии «Профессор Визе» ва «Профессор Зубов» дар Атлантикаи Шимолӣ ва обҳои арктикӣ тадқиқоти бисёр гузарондand. Таҳқиқи пиряхҳои А. низ оғоз ёфта, оид ба метеорология, актинометрия, глятсиология, гидрология ва ғ. маълумоти фаровон гирдоварӣ шуд. 17 авг. 1977 экспедитсияи советӣ дар киштии яхшикани атомии «Арктика» аввалин бор дар ҷаҳон ба Қутби Шимолӣ расид. Азхудкунии А. солҳои охир нерӯи нав гирифт. Дар а. 21 аҳамияти стратегии А. ва таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин минтақа хеле афзуд, чунки дар А. бойтарин захираҳои табиию биологӣ мавҷуд буда, худи мавзеъ фазои табиию экологии нодир аст ва омӯзиши он барои инсоният, махсусан дар масъалаҳои сиёсати ичтимоӣ, иқтисодиёт, экология, тағйир ёфтани иқлим ва пешомади тараққиёти илм аҳамияти бузург дорад. Дар барномаи байналмилалии «Ҳадафҳои арктикӣ – 2011» (дар Конференсияи байналмилалӣ дар ш. Тромсёи Норвегия қабул шудааст) 20 давлати ҷаҳон иштирок доранд.

М. Воҳид.

АРЛЕ (Harles) Шарл (1832, Лйеж – 1899, Лувен), шарқшиноси франсавизабони белгиягӣ. Дар Донишгоҳи Лувен баъзе забонҳои шарқиро дарс медод. Узви Академияи шоҳии Белгия буд. А. яке аз муҳаққиқони маъруф дар соҳаи Авестошиносӣ мебошад. Нахустин тадқиқи ӯ дар ин бобат «Қайдҳо оид ба маънои вожаҳои авестоӣ» аст («Журнал Азиатик», 1876 – 1877). А. дар кори омӯзиши Авесто 30 сол заҳмат кашида, с-ҳои 1875 – 77 тарҷумаи пурраи Авесторо ба забони франсавӣ ба анҷом расонд. Оид ба ин китоби муқаддас, пайдоиши он дар мақолаи «Сарчашмаҳои зардуштия» («Журнал Азиатик», 1878 – 80) баҳс оростааст. Ба қалами А. инчунин «Дастур оид ба забони авестоӣ» (1982) таалluқ дорад.

Ш. Мухтор.

АРМАНИСТО́Н (Айастан – кишвари арманҳо), Ҷумҳурии Арманистон, давлатест дар қисми ҷанубии Закавказйе. Дар Шим. бо Гурҷистон, дар Ш. бо Озарбойҷон, дар Ғарб ва ҷанубӣ ғарб бо Туркия ва дар Ҷануб бо Эрон ҳамсарҳад мебошад. Дарозии умумии сарҳадаш 1254 км; масоҳ. 29,8 ҳазор км^2. Аҳолиаш 3083 ҳазор нафар (2009). Пойтахташ ш. Ереван. Шаҳрҳои бузургаш: Ереван, Кировакан, Вагаршапат, Раздан, Гюмрӣ, Эчмиадзин. Мувофиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ А. аз 10 марз (вилоят) иборат аст (якҷоя бо Ереван). 21 сент. – иди миллӣ – Рӯзи Истиқлолияти А. Воҳиди пулӣ – драм (аз 1993).



Парчам ва нишони Арманистон.

Сохти давлатӣ. Конститутсияи амалкунандаи А. 5 июли 1995 қабул шудааст. Сарвари давлат – Президент. Мақоми олии қонунбарор парламент буда, он аз як палата – Маҷлиси миллӣ (2007 – 131 вакил; ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд) иборат аст. Мақоми олии ичроия – Ҳукумати Ҷумҳурии А. Ҳокимияти судиро Суди Олӣ ва Суди конститутсионӣ ичро мекунанд. Ҷумҳурии А. аз с. 1992 узви СММ, Шӯрои Европа, ИДМ ва таш-

килоти байналмилалии ОБСЕ мебошад. Бо ҶТ муносибати дипломатӣ дорад (аз 1992). Барои ташкили ҳамкориҳои дуҷониба Комиссияи доимии байниҳукуматии Тоҷикистон ва А. таъсис дода шудааст.

Табиат. А. қисми шим. шарқии кӯҳсори Арманро ишғол мекунад, баландии миёнааш аз с. б. 1800 м, нуқтаи баландтаринаш дар кӯҳсори Арагас – 4090 м ва Аждаҳак – 3597 м. Қариб 90 фоизи ҳудуди А. аз с. б. аз 1000 м баланд аст. Қисми шим. шарқӣ асосан аз к-кӯҳҳои чиндори Кавкази Хурд (Сомхет, Базум, Памбак, Арегунӣ, Севан ва ғ.) иборат буда, релйефаш структурию тектоникӣ ва оббурида аст. Қисми ҷанубӣ бештар кӯҳҳои чиндору ноҳамвор дорад, ки баландтарини онҳо к-кӯҳи Зангезур (к-кӯҳи Капутҷӯх, 3904 м) аст. Як қисми соҳили чапи ҳавзаи Араси Миёна ҳам ба ҳудуди А. дохил мешавад. Релйефи қисми шим. ғарбии он – ҳамвории Арарат (800 – 1000 м) аккумулятивӣ мебошад. Сохти геологии А. хеле мураккаб буда, дар ин ҷо ҷинсҳои кӯҳии давраҳои гуногун мавҷуданд. А. конҳои мис, молибден, оҳан, тилло ва зиёда аз 1300 чашмаи оби минералӣ дошта, дар ин минтақа осоишгоҳҳои беҳтарини А. – Ҷермук, Диличон, Аникован, Севан ва ғ. ҷойгиранд. Қариб тамоми А. дар ҳудуди камари зилзилавӣ қарор дорад. Танҳо дар а. 20 чаҳор заминҷунбии шадид дар ш-ҳои калони А. – Ленинакан (1926, ҳозира Гюмрӣ), Зангезур (1931), Ереван (1937) ва Спитак (1988) рух дод.

Иқлим. А. дар минтақаи субтропикӣ ҷой гирифта, иқлимаш гуногун аст. Ҳарор. миёнаи солона аз 2,7°C то 13,8°C, тобистон (дар пастиҳо) 24 – 26°C, дар ҷойҳои баландкӯҳ аз 10 то 15°C, зимистон 0,9 – 14°C. Ҳарор. баландтарин 42°C, пасттарин – 46°C. Боришоти солона аз 200 то 800 мм. Дар баландии 3500 м барфи доимӣ мавҷуд аст. А. д-ҳои зиёд дорад. Калонтарини онҳо Аракс бо шохобҳояш Ахурян, Севҷур, Раздан, Арпа, Воротан ва ғ. мебошад. Д-ҳои Дабад ва Агстов ба д. Кура мерезанд. Ин д-ҳо тезоб ва серостонаанд, барои обёрӣ ва чун манбаи гидроэнергия истифода мешаванд. Кӯлҳо низ дар А. бисёранд ва калонтарини онҳо Севан мебошад.

Олами ҳайвонот гуногун буда, 76 намуд ширхор, 304 намуд паранда, 44 намуд хазанда, 24 намуд моҳӣ ва зиёда аз 10 ҳазор намуд бемӯҳрагонро дар бар мегирад. Дар нимбиёбонҳо хояндаю хазандаҳо, дар қамишзорҳо оҳу, нахчир, гурбаи ваҳшӣ, хирс, гуроз, парандаҳо бисёр вомехӯранд. Ҳайвонҳои хоси маҳал – бузи кӯҳӣ, нахчир, мурғи ҳилол ва гулмоҳӣ (дар Севан). Дар А. 6 мамнӯъгоҳ ва боғҳои табиии ҳифзшаванда (масоҳ. умумиашон 213,6 ҳазор га) ҳастанд, ки машҳуртаринаш Боғи миллии Севан аст.

Аҳолӣ. Аҳолии асосӣ – арманиҳо (95,5%). Инчунин курдҳо, русҳо, украинҳо, юнониён, ошуриҳо, гурҷиҳо, яҳудиҳо ва дигар миллату халқиятҳо зиндагӣ мекунанд. Дар натиҷаи зиддиятҳои қавмии (этникии) с-ҳои 1989 – 93 рухдода қариб тамоми озарбойҷониҳо А.-ро тарк карда, 200 ҳазор арманиҳо аз Озарбойҷон ба А. кӯчиданд. Солҳои охир наздики 1 млн нафар сокинони А. ба кишварҳои дигар муҳоҷир шуданд. Забони давлатӣ – арманӣ, забони русӣ низ роиҷ аст; 94 фоизи аҳолӣ эътиқодманди дини масеҳианд. Дарозии миёнаи умр – 71,2 сол. Аҳолии шаҳрнишин – 66,6% (33% дар Ереван). Қариб нисфи аҳолӣ дар ҳамвории Арарат зиндагӣ мекунад.

Таърих. Кӯҳсори Арман яке аз қадимтарин марказҳои маданияти ҷаҳонист. Одамони ибтидоӣ дар ин ҷо аз нимаи якуми давраи чорумин зиндагӣ карда, дар давраи неолит ба деҳқонӣ гузаштаанд. Дар ҳазорсолаи 2 ва 1 то м. ҷамъияти синфӣ ташаккул ёфта, иттифоқҳои қабилавӣ ба вуҷуд омаданд ва дар а. 9 то м. ба давлати ғуломдории Урарту табдил ёфтанд. Маданияти Урарту баландпоя буд (қалъаҳо ва марказҳои хоҷагию маъмурии Тушпа, Эребуни, Тейшебаини). Халқи арман дар натиҷаи раванди мураккаби омезиши қабилаҳои маҳаллии кӯҳсори Арман (урартҳо, ҳайҳо, арменҳо) ташаккул ёфтааст. Баъди таназзули Урарту (а. 6 то м.) Шоҳигарии арман (Армина) ба вуҷуд омад. Дар ох. а. 6 то м. онро давлати Ҳахоманишиён забт намуд. Баъди давлати Порсро торумор кардани Искандари Мақдунӣ давлати Ервандуни (Ервандиён, марказаш Армавир) ба вуҷуд омад. Дар нимаи авв. а. 3 то м. аз давлати Ервандиён вилҳои ҷанубу ғарбӣ – шоҳигарии Коммаген ва Софен ҷудо шуданд. Дар ох. а. 3 то м. давлати арманҳо ба Селевкиён тобеъ шуд. Баъди аз ҷониби римиҳо шикаст ёфтани Селевкиён А.-и Сағир (ғарби д. Фурот), А.-и Кабир (ҳамии Арарат) ва Софен (шарқи д. Фурот) аз таназзули Селевкиён истифода бурдаву муттаҳид шуда, с. 189 то м. истиқлол ба даст оварданд ва ин



мамлакат Арманистони Кабир ном гирифт. Дар А.-и Кабир сулолаи Арташесҳо (Арташеҳр) пойдор гардид, ки машҳуртарин намояндаи он Тиграни II (95 – 56 то м.) буд. А. тобеи Империяи Рим шуда, давлати калони давраи эллинизм гардид. Соли 62 м. дар А.-и Кабир сулолаи Ашкониён (Аршакиҳо) пойдор гардид. Дар нимаи 2-юми а. 3 А.-и Кабир ба Сосониёни Эрон тобеъ шуд. Соли 387 давлати Порс ва империяи Византия А.-ро байни худ тақсим карданд. Аз а. 3 дар А. муносибатҳои феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар авв. а. 4 А. дини насрониро қабул кард. Калисои арманӣ-григорианӣ ташкилоти бузурги феодалӣ гардид. Бар зидди ҳукмронии порсҳо якчанд шӯриши калон (450 – 451 бо роҳбарии Вардан Мамиконян, шӯришҳои 481 – 484, 571 – 572) ба вуқӯъ омад. Дар нимаи 2-юми а. 7 А.-ро арабҳо забт карданд. Ох. а. 9 дар натиҷаи муборизаи зидди арабҳо давлати Багратиён (Багратуни) ба вуҷуд омад. Ш-ҳои Ани, Ван, Двин, Қарс, Маназкарт ва ғ. марказҳои калони ҳунармандӣ ва тиҷорат шуданд. Вале А.-ро а. 11 *Салҷуқиён* ва а. 13 тотору муғулҳо забт намуданд. Давлати арманҳо нест нобуд, шаҳрҳо харобу валангор шуда, қувваҳои истеҳсолкунанда таназзул ёфтанд. Муҳоҷирати арманҳо ба дигар мамлакатҳо авҷ гирифт. Дар канори ҷан. шарқии Осиёи Сағир давлати Киликияи арманҳо (1080 – 1375) ба вуҷуд омада, иқтисодиёт ва маданияти он хеле тараққӣ кард. Авв. а. 15 А.-ро қабилаҳои бодиянишини турк забт карданд. Дар аҳди Аббоси I миқдори зиёди арманҳо ба Порс бадарға гардиданд. Дар а-ҳои 16 – 18 А. ба арсаи муборизаи шадиди Туркия ва Порс табдил ёфт. Соли 1639 А. ба ду тақсим шуд: А.-и Шарқӣ ба давлати Порс, А.-и Ғарбӣ ба Туркия гузашт. Ҷабру ситами иҷтимоӣ ва миллию динӣ боиси муқобилияти сахти халқи арман гардид. Солҳои 1722 – 28 дар Қарабоғ ва Сюник ба муқобили истилогарон шӯриши калон ба амал омад. Дар натиҷаи ҷанги Россияю Порс (1826 – 28) мувофиқи шартномаи Туркманҷой (1828) А.-и Шарқӣ (хонигариҳои Эриван ва Нахичеван) ба Россия ҳамроҳ шуд. А.-и Ғарбӣ дар зери асорати Туркия монд. Арманҳои ғарбӣ кӯшиш мекарданд, ки аз зулми туркҳо озод ва бо А.-и Шарқӣ ҳамроҳ шаванд (шӯриши Зайтун с. 1862, ҳаракатҳои озодихоҳонаи с-ҳои 1870 – 80). Солҳои 1895 – 96 ва 1915 – 16 аҳолии армани Империяи Усмонӣ (ба миқдори зиёд – аз 600 ҳазор то 1 млн) қир ва бадарға (ба биёбонҳои Байнаннаҳрайн) гардиданд. Дар рафти муборизаи зидди зулми мутлақияти подшоҳӣ ва бедодгарии султони турк дар А.-и Шарқӣ ва А.-и Ғарбӣ ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр 29 дек. 1917 дар Декрети СКХ «Дар бораи Арманистони Туркия» А. соҳибистиқлол эълон шуд. Моҳи майи 1918 дар А. ҳизби майдабуржуазии миллатчиёни Дашнаксутюн ба сари ҳокимият омада, мамлакатро ҷумҳурии соҳибихтиёри буржуазӣ эълон кард. Дар давоми ду соли ҳукмронии дашнакҳо А.-и Шарқӣ рӯ ба таназзул ниҳода, иқтисодаш заиф шуд. Туркия ду маротиба (1918 ва 1920) ба А. ҳуҷум карда, мамлакатро харобу аҳолиро нобуд ва аз се ду ҳиссаи ҳудуди онро ба худ тобеъ кард. Аммо 29 ноябри 1920 меҳнаткашони А. бо ёрии қисмҳои Армияи Сурх ҳукумати дашнакҳоро сарнагун сохта, А.-ро Ҷумҳурии Советии Сотсиалистӣ эълон карданд. Февр. 1921 дашнакҳо боз исёни аксулинқилобӣ бардоштанд, дар мамлакат ҷанги граждани шурӯъ гардид; апр. 1921 исён пахш карда шуд. Марти 1922 А. ба ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Закавказия ва дек. 1922 ба ҳайати СССР дохил шуд ва аз дек. 1936 А. ҷумҳурии иттифоқӣ гардид. Соли 1930 қариб 250 ҳазор арманиҳо, ки зидди коллективонӣ буданд, ба Осиёи Миёна муҳоҷир карда шуданд. Дар солҳои сохтмони сотсиалистӣ дар А. индустрикунонӣ, коллективонии хоҷагии қишлоқ, инқилоби маданӣ ба амал бароварда шуд. Солҳои ҶБВ (1941 – 45) халқи арман ба фронт 6 қисми ҳарбии миллӣ дод, 107 арман сазовори номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гардид. Баъди ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қисми зиёди мутахассисони арман, ки дар хориҷа (асосан Шарқи Наздик) буданд, бо даъвати Католикос (унвони сарвари калисои арман) дар давоми с-ҳои 1945 – 48 ба А. (150 ҳазор) баргаштанд ва с-ҳои баъди ҷанг то ох. с-ҳои 80 а. 20 равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии А. чун дар дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Советӣ сурат мегирифт. Соли 1988 зиддияти А. бо Озарбойҷон оид ба мақоми Вилояти мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ (арманиҳои он мехостанд, ки вилоят аз ҳайати Озарбойҷон бароварда ба ҳайати А. дода шавад) шадид гардида, то задухӯрди мусаллаҳона расид. Шӯрои Олии А. 23. авг. 1990 «Эъломия оид ба истиқлолият» қабул кард ва баъди он РСС Арманистон барҳам дода шуда А. худро Ҷумҳурии соҳибистиқлол эълон кард. Моҳи майи 1994 байни А. ва Озарбойҷон оид ба бас кардани амалиёти ҳарбӣ созишнома баста шуд.



Арманистон. Вокзали ш. Ереван.

Ҳизбҳои сиёсӣ. Баъди эълони истиқлолият дар А. ба фаъолияти ҳизбҳои даврони то сохти шӯравӣ фаъолиятдошта: Федератсияи револютсионии арман, Дашнаксутюн, Ҳизби Рамкавар-Азатакан (либералӣ-демократӣ) иҷозат дода шуда, ҳизбҳои нави Иттиҳоди миллӣ-демократӣ, Иттиҳоди худмуайянкунии миллӣ, Ҳизби халқӣ (1998) ва ох. с-ҳои 90 а. 20 фирқаи «Миаснютун» (Ваҳдат) ва «Иравункев Мабанютун (ҳуқуқ ва иттиҳод) таъсис ёфтанд. Дар А. Ҳизби коммунистӣ, Ҳизби «Оринатс еркир» (давлати ҳуқуқбунёд), Иттиҳоди миллӣ-демократӣ низ фаъолият доранд.

Иқтисодиёт. Баъди пош хӯрдани СССР А. ба бӯҳрони иқтисодӣ рӯбарӯ шуд. Дар натиҷаи блокадаи иқтисодӣ вобаста ба масъалаи Қарабоғи Кӯҳӣ А. аз Озарбойҷон ва Туркия ва вобаста ба зиддияти байни Гурҷистону Абхозистон аз Россия канда шуд. Давлат дар соҳаи иқтисоди бозорӣ як қатор ислоҳот гузаронда, ба шароити нав мутобиқ шуд: барои додугирифт роҳҳои Эрон ва Гурҷистонро истифода бурд. Иқтисодиёти ҳозираи А. бо роҳандозии ёрии молиявии байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, алалхусус ШМА, рушд дорад.

Саноат. Пошхӯрии СССР ба саноати мамлакат низ таъсир расонда, бисёр корхонаҳо аз фаъолият боз-

монданд. Солҳои охир бо дастгирии сармоягузории хориҷӣ ва Хазинаи Байналмилалии Асъор бисёр иншооти муҳими давлатӣ ба кор оғоз карданд, аз ҷумла комб. мисгудозӣ дар ш. Алаверди, комб. маъдани кӯҳии Зангезур ва Агарак, Комплекси саноати химияи Ванадзор. Тилло истихроҷ мекунад, саноати хӯрокворӣ (39%) ва электроэнергия (30%) бартарӣ доранд. Пойгоҳҳои асосии барқи А.: НБО-ҳои Севану Раздан, нерӯгоҳҳои барқии аловӣ дар Ереван ва Ванадзор, НБА дар Метсамор ва ғ. Инчунин соҳаҳои оҳангудозӣ, истеҳсоли таҷҳизоту асбобҳои дақиқ, резин, пластмасса, маводи химиявӣ, нуриҳои минералӣ, ҷавоҳирот, матоъҳои абрешимӣ, матоъҳои сунъӣ, масолеҳи сохтмонӣ вусъат дода шуд. Қисми асосии ин корхонаҳо аз ҳисоби давлатҳои Исроил, Англия, Белгия, Россия фаъолият доранд (корхонаҳои муштарак). Саромягузории бевосита, дастгирии сармоядорони бурунмарзии арман, интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷумлаи даромадҳои А. аст.

Кишоварзӣ. А. ноҳияи қадимии зироати обӣ мебошад. Солҳои 1991 – 92-ум 80 фоизи заминҳои хоҷагии қишлоқ ба деҳқонон тақсим шуда, 98 фоизи масолеҳи кишоварзиро хоҷагиҳои хусусӣ истеҳсол мекарданд. Растанипарварӣ 59,3 фоизи маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии қишлоқро ташкил медиҳад. Дар А. боғу токпарварӣ, парвариши зироати ғалладона, зайтун, бодом, зироатҳои техникӣ ва сабзавот тараққӣ карда, чорводорӣ (моли калони шохдор, гӯсфандпарварӣ дар баландкӯҳҳо) хуб роҳандозӣ шудааст.

Нақлиёти асосии А. автомобилӣ ва р. о. мебошад. Дарозии р. о. 845 км (90%-и он электронида шудааст), роҳи автомобилгард 15,9 ҳазор км. Ереван ба воситаи роҳҳояш бо Гурҷистон, Қарабоғи Кӯҳӣ ва Эрон пайваст аст. А. 17 аэропорт дорад. Калонтарини онҳо фурудгоҳи Ереван мебошад. Хатсайрҳои байналмилалӣ ба воситаи фурудгоҳи Эребунӣ, Эвартнос (Ереван) ва Ширак (Гюмрӣ) амалӣ мегарданд. Соли 2007 қубури интиқоли гази табиӣ (аз Эрон ба А.) ба истифода дода шуд.

Алоқаи иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷӣ. Содироти асосӣ (45%-и он)-и А. сангҳои қиматбаҳои коркардшуда, таҷҳизоти металлҳои ранга, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ буда, алмоси коркарднашуда, тилло, тамоку, маводи хӯрокворӣ, нуриҳои минералӣ, техникаи кишоварзӣ ворид менамояд. Шарикони асосии тиҷоратии А. Белгия, Россия, ШМА, Эрон, Германия, Британияи Кабир, Юнон, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва давлатҳои ИДМ мебошанд.

Тандурустӣ. Соҳаи тиб дар А. дар замони шӯравӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар А. то пошхӯрии СССР 10 ин-ти тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла онкологӣ, гематологӣ, кардиологӣ ва ҷарроҳии дил, ортопедӣ ва ғ., 13 диспансери касалии сил, 4 диспансери касалиҳои пӯсту ҷимоӣ ва 3 диспансери онкологӣ, санаторияҳо ва хонаҳои истироҳат кор мекарданд. Ҳоло (2010) дар А. 174 муассисаи табобатӣ ва 503 бунгоҳи тиббӣ фаъолият доранд. Инти ҷарроҳии ба номи А. Л. Микаэлян ва Пажӯҳишгоҳи кардиологӣ, Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои уронефрологияи бачагона хеле машҳуранд. 7,5%-и ММД ба соҳаи тандурустӣ сарф мешавад.

Маориф, илм, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ. Дар А. «Қонун дар бораи маориф»- и ҷорӣ ба тавсиб расидааст, ки мувофиқи он омӯзиш дар мактабҳои миёнаи умумӣ 11 сол муқаррар гардидааст. Калонтарин муассисаҳои олии таълимии А.: Донишгоҳи давлатии Ереван (1979), Донишгоҳи давлатии муҳандисии Арманистон, Донишкадаи хоҷагии халқ, Донишгоҳи минералогӣ, Донишгоҳи давлатии забоншиносӣ, Донишгоҳи давлатии тиббӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ, Донишгоҳи давлатии меъморӣ ва сохтмон, Донишкадаи санъати театрӣ ва кинематография, Консерваторияи давлатӣ, Донишкадаи славянии Россияву Арманистон, Донишгоҳи америкоии Арманистон (бо кӯмаки Донишгоҳи Калифорнияи ШМА таъсис ёфтааст).

Дар А. илм аз даврахои қадим тараққӣ карда меояд. Солҳои 405 – 406 Месроп Маштос алифбои арманиро тартиб дод ва баъд аз ин илм дар А. босуръат тараққӣ кард. Асарҳои муаррихони арман (а-ҳои 4 – 7) Агатангехос, Павстос Бузанд, Корюн Егише, Лазар Парбетсӣ маъмулу машҳуранд. Таърихшиноси машҳури арман Мовсес Ҳоренатсиро «Геродоти Шарқи Наздик» меноманд. Мутафаккир, ривёзидон, мунаҷҷим, географ Ананий Ширакатси (а. 7) доир ба гирифтани Офтобу Моҳ ва курашакл будани Замин маълумот додааст. Дар А. асарҳои файласуфони Юнони Қадим ба забони арманӣ тарҷума мешуданд: то давраи мо «Хроника»-и Евсевий Кессарий, асари Зенон «Дар бораи табиат», «Ҳадҳо»-и Гермес, «Санъати нотиқӣ»-и Филони Александрӣ ва дигар омада расидаанд.

Григор Магатрос (990 – 1058) донишманде буд, ки бо табиатшиносӣ, тиб, фалсафа ва филология шуғл дошт. Асосгузори мактаби олӣ дар пойтахти Арманистон ш. Анӣ олими машҳур Ованес Имастасер (Иоанн Саркаваг, 1045 – 1129) доир ба математика, табиатшиносӣ, астрономия ва назарияи тақвим чандин асар офаридааст. Дар асрҳои миёна олиму духтурҳои машҳур Миҳтар Гератсӣ (а. 12) ва Амирдавлат Амасиатси (а. 15) доир ба тиб якчанд асар навиштаанд. Дар соҳаи илми таърих асарҳои Киракос Гандзакетсӣ, Вардан Аравелсӣ, Степанос Орбелян (а. 13) ва дигарон маълуманд.

Аз а. 17 сар карда маданияти арман асосан берун аз хоки А. дар ҷамоаҳои хориҷии арманҳо тараққӣ мекард. Пеш аз ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ (1828) дар худи Россия чанд маркази маданияти арманиҳо мавҷуд буд (муҳимтарини онҳо академияи Лазарев дар Москва, 1815). Дар Россия, Ҷулфаи Нав, Париж, Лвов, Венетсия ва Калкатта мактабҳои арманӣ бунёд мешуданд. Х. Абовян ва М. Налбандян барои дар А. паҳн шудани ғояҳои мутафаккиронаи пешқадами рус ва Европаи Ғарбӣ саҳми калон гузоштаанд. Илму маданияти арман дар замони шӯравӣ хеле пеш рафт. Бисёр олимони А. дар тараққӣ ва ташаккули соҳаҳои ҷудогонаи илм нақши калон бозиданд. Соли 1935 дар А. филиали АИ СССР ташкил ёфта, с. 1943 ба АИ РСС А. табдил дода шуд. Нахустин президенти он акад. И. А. Орбели буд. Тадқиқоти олимони расадхонаи астрофизикии Бюракан (асосгузораш В. А. Амбарсумян) дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд. Дар соҳаи радиофизика ва электроника, генераторҳои квантӣ тадқиқоти муҳим бурда мешуд. Ташкили маркази ҳисоббарории АИ А. (1957), тадқиқоти дар соҳаҳои механика, геология, химия, физиология, биохимия, тиб, таърих бурдашуда А.-ро пешсафи дигар кишварҳо кардааст. Осоре, ки дар Матенадаран нигоҳ дошта мешаванд, аҳамияти калони илмӣ доранд. Соли 2009 дар А. 96 ташкилоти илмӣ-техникӣ фаъолият дошт. Марказҳои маъмурии пешбарандаи илм АИ Арманистон (1943), Расадхонаи астрофизикии Бюракан (1946), Академияи хоҷагии халқи Арманистон ва ғ. мебошанд. Давлат танҳо самтҳои заруриро маблағгузорӣ ме-

кунад. Муассисаҳои фарҳангии А. хеле зиёданд. Дар А. 1,1 ҳазор китобхона фаъолият дорад, қи бузургтаринашон Китобхонаи миллии Арманистон (бо 6185 ҳазор воҳиди махзанӣ), Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ (20 млн воҳиди махзанӣ), Китобхонаи АИ Арманистон ва Китобхонаи Донишгоҳи давлатии Ереван мебошанд. Ин-ти осори хаттии Матенадаран (Матдерон) наздики 20 ҳазор китоб ва дастхатҳоро маҳфуз медорад, ки дар байнашон дастхатҳои форсӣ хеле бисёранд. Солҳои охир дар А. 77 осорхона кор мекунад, ки машҳуртаринашон Осорхонаи миллии таърихӣ, Осорхонаи таърихи ш. Ереван, Нигористони давлатӣ, Осорхонаи санъати муосир, Осорхонаи санъати кӯдакон (ҳамаашон дар ш. Ереван), Осорхонаи этнография ва фолклор (дар ш. Сардарабад), Осорхонаи санъати динӣ (дар Эчмиадзин) мебошанд.

Матбуот, радио ва телевизион. Аввалин асарҳо ба забони арманӣ с-ҳои 1512 – 13 дар Венетсия чоп шуда, асосан мансуби осори динӣ буданд. Дертар чопхонаҳои марказҳои фарҳангии арманҳо дар Константинопол (Қустантания, 1567), Рим (1584), Париж (1633), Лейпсиг (1680), Львов ва Эчмиадзин (1771), Санкт-Петербург (1780), инчунин дар Тбилиси (Тифлис), Москва, Боку ташкил шуданд. Рӯзномаи аввалини арманӣ «Аздарар» («Хабаррасон») с. 1794 дар ш. Мадраси Ҳиндустон ва дертар аввалин маҷ. – «Азгасер» («Ватандӯст») дар Калкатта ба табъ расидааст. Нимаи авв. а. 19 дар кишварҳои гуногун ба забони арманӣ сӣ номгӯй маҷаллаву рӯзнома нашр мешуд. Ҳоло дар А. наздики 250 рӯзнома ва 50 маҷ. ба табъ мерасад, ки калонтаринашон инҳоанд: «Еркир», «Азг», «Республика Армения» (ба забони русӣ ва арманӣ). Агентиҳои иттилоотии А.: «Арка», «Армен-пресс», «Арминфо», «Медиамакс» ва ғ. Дар А. 9 пойгоҳи радиошунавонӣ ва 4 шабакаи телевизионӣ фаъолият доранд.

Адабиёт. Адабиёти А. яке аз қадимтарин адабиётҳои ҷаҳон мебошад. Нуқтаи олии эҷодиёти халқ достони миллии «Давид Сасунси» («Довуди Сосунӣ») аст. Таърихи адабиёти хаттӣ аз а. 5 оғоз меёбад: шеърҳои Месроп Маштос, асарҳои муаррихони а. 5. Ҳангоми асорати арабҳо ва истилои Византия (а-ҳои 7 – 8) асарҳои фиққӣ ва назми калисоӣ васеъ паҳн шуд, ғояҳои инсонпарварӣ қувват гирифтанд ва дар асарҳои Григор Нарекатси (951 – 1003), Нерсес Шноралӣ (1102 – 73), Мхитар Гош (1133 – 1213), Вардан Айгекси (а-ҳои 12 – 13) ва дигарон инъикос ёфтаанд. Намояндагони назми ошиқонаи давраи Эҳёи арман инҳоянд: К. Ерзнкатси (а-ҳои 13 – 14), О. Тулкуранси (а. 14), Н. Кучак (а. 16), Н. Овнатан (а. 18), Саят–Нова (*Сайёди Наво*). Давраи нави инкишофи адабиёти арман баъди ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ сар мешавад. Асосгузори адабиёти нави арман Х. Абовян, нависанда ва мутафаккир М. Налбандян, шоир Г. Алишан, драмнависон Г. Сундукян ва А. Шервонзода ғояҳои бедории миллиро тараннум кардаанд.

Адабиёти нави арман дар замони И. Иоаннисян, О. Туманян, А. Исаакян ба авҷи инкишоф расид. Дар шеърҳои В. Терян, Д. Варужан, Ш. Кургинян мавзӯъҳои шаҳрвандӣ қувват ёфт. А. Акопян асосгузори адабиёти пролетарии арман аст. Дар авв. а. 20 дар инкишофи танқиди адабӣ С. Шаумян ва С. Спандарян нақши калон бозиданд. Дар с-ҳои 20 а. 20 шоирон А. Вштунӣ, Н. Зарян, Г. Сарян, В. Алазан, насрнависҳо А. Бакунтс, Д. Демирчян, С. Зорян, В. Тотовенс асар эҷод кардаанд. Адабиёти с-ҳои 30 а. 20 бо шеъру ҳикоя, роману достон ва пйесаҳои М. Армен, Г. Маари, А. Сирас, Р. Кочар, В. Ананян, Агавни, С. Таронси, Г. Севунтс ва дигарон бой гардид. Дар солҳои ҶБВ (1941 – 45) ва баъди ҷанг ба сафи адибони арман П. Севак, С. Капутикян, Г. Эмин, А. Сагиян, Р. Ованесян ва дигарон дохил шуданд. Танқиди адабии арман ва адабиётшиносӣ инкишоф ёфт. Адабиётшиносон М. Абегян, И. Орбели, А. Тертерян ва дигарон асоси илмии давраҳои таърихи адабиёти арманро муайян кардаанд.

Санъати меъморӣ. Қадимтарин осори меъмории А. ба ҳазорсолаи 3 то м. (биноҳои азими назди Арагас, деворҳои азамат ва ғ.) мансубанд. Меъморӣ дар а-ҳои 9 – 6 то м. дар Урарту хеле тараққӣ карда буд (маъбади худо Ҳолд ва Эребуни – а. 8 то м.). Вусъати сохтмони биноҳои сангӣ ба пайдоиши равоқу гунбазҳо оварда расонд (базиликаҳои Танаат ва Дираклар – а. 4; Гарни ва Аван, қасрҳои Текор, Еруру, калисоҳои Одзун ва Эчмиадзин – а. 5). Ибодатхонаҳои Гаяне, Рипсиме, Мастара, Звартнос – а. 7); а-ҳои 11 – 13 сохтани қалъаҳо (Ани, Тигнис, Магасберд), пулҳо (Ани, Санаин), корвонсаройҳо (Салим, Талин), меҳмонхонаҳо, дайрҳо (Татев, Санаин, Ахпат) ривоҷ ёфт. Ох. а. 12 биносозии дар аҳди Салҷуқиён суқуткарда боз эҳё шуд. А-ҳои 12 – 14 иншооти дунявии бо амали кандакорӣ ва кошӣ ороёфта: китобхонаҳо (назди маъбадҳо), ансамблҳо, кӯшку қасрҳо (маъбади Сариядар, Сис, Ламброн) маъмул гашт. Дар А.- и мувофиқи шартномаи с. 1639 байни Империяи Усмонӣ ва давлати Порс тақсимшуда (дар Ереван ва дигар шаҳрҳо) сохтмони қасрҳои шоҳӣ, роҳҳо, корвонсаройҳо, ҳаммом ва ғ. рушд кард. Дар шаҳрсозии ин замон аносири ороишии шарқи мусулмонӣ мушоҳида мешавад (ноқусхонаи Эчмиадзин). А-ҳои 17 – 18 давраи инкишофи деворанигорист. Дар а. 19, баъди ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ, шаҳрҳо тараққӣ карданд, биноҳои серошёнаи маъмуриву истиқоматӣ ба вуҷуд омаданд. Дар давраи шӯравӣ нақшаи азнавсозии Ереван (плани генералии с. 1924) сар шуд. Баъди с. 1955 бинокории типӣ вусъат ёфт. Дар ох. а. 20 ва авв. а. 21 кӯшишҳои дар меъморӣ ҷорӣ кардани аносири шавқовар ва ғайричашмдошт ба назар мерасад. Дар қатори биноҳо ва маҷмааҳои мӯҳташам ба меъмории хурдшакли ҷолибу дилнишин рӯ меовардагӣ шуданд. Аз ёдгориҳои меъморӣ ва табиӣ Ансамбли калисоии Ахпат, калисои Гегард (дар болооби д. Азат), калисои ҷоме ва дайрҳои Эчмиадзин, калисои Санаин, инчунин Звартнос ба рӯйхати умумиҷаҳонии мероси ЮНЕСКО ворид гардидаанд.

Санъати тасвирӣ. Аввалин асарҳои санъати тасвирӣ, ки аз хоки А. ёфт шудаанд, ба ҳазорсолаи 6 – 2 то м. мансубанд. Аз санъати Урарту ва давраи Юнони Қадим маснуоти санъати тасвирӣ, ҳайкалҳои биринҷию тилло, нақшунигор, хотамкорӣ, нақшаҳои рӯидеворӣ боқӣ мондаанд. Дар асрҳои миёна рассомии монументалӣ, хотамкорӣ ва нақшунигори девор хеле тараққӣ кард (Двин – а. 5; Звартнос – а. 7; Смбатаванк – а. 7; Татев – а. 10; Ахтамар – а. 10; Ахпат – а. 13;). Баробари қабул шудани дини насронӣ ва ихтирои алифбои арманӣ ороишу наққошии китоб (Инҷили Малика Млке – 862; Инҷили Эчмиадзин – 989; Инҷили Ахпат – 1211 ва ғ.) тараққӣ кард. А-ҳои 13 – 14 минётура хеле инкишоф ёфт. Осори авлоди рассомон Овнатанянҳо (аз ох. а. 17 то с-ҳои 80 а. 19) дар байни рассомони он давра ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Санъати амалӣ (наққорӣ, кулолӣ, заргарӣ, тӯрбофӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ) хеле тараққӣ кард. Замони шӯравӣ давраи нави инкишофи

санъати тасвирии А. сар шуд. Рассомони сокини хориҷи кишвар ба ватан баргаштанд. Асарҳои рассомони насли калонсол – Е. Татевосян (1870 – 1939), С. Агаҷанян (1863 – 1940), махсусан санъати олии М. Сарян ба пешрафти санъати кишвар мусоидат кард. Насли нави ҳайкалтарошон – Г. Чубарян, С. Багдасарян, Э. Кочар ва дигарон ба майдон омаданд. Санъати ороиши китоб ба дараҷаи баланд расид, ки асосгузори он график ва рассом А. Коҷоян мебошад. Рассомони намоёни нимаи дуюми а. 20 М. Авитесян, А. Акопян ва оилаи Элибекянҳо мебошанд. Эҷодиёти рассомони (ҳозираи асосан бурунмарзӣ) арман дар доираи ҷараёнҳои гуногуни санъати тасвирии маъмули замон сурат мегирад.

Мусиқӣ. Мусиқии арман таърихи 3000-сола дорад (санъати гусанҳо). Сурудҳои динӣ, мардумӣ, маросимӣ, сурудҳои рақсӣ маълуманд. Дар а. 5 дар асоси мусиқии халқӣ ва сурудҳои бутпарастии пеш аз оини насронӣ мусиқии касбии динӣ ба вуҷуд омад. Сринг, дудук, зурна, камонча, қонун, тмбук (тунбак), дапп (даф), доол (духул) созҳои миллианд. «Чемчем», «шарор», «кочари» намудҳои рақсҳои анъанавӣ мебошанд. А-ҳои 8 – 9 барои навишта гирифтани мусиқӣ усули «хаз»-ро истифода мебурданд. Дар а. 12 тариқи дигари нотанависи «хаз» ба вуҷуд омад. Авв. а. 19 назариётчӣ ва композитор А. Лимонҷян (1768 – 1839) нотанависи нави арманро ихтироъ кард ва ин имкон дод, ки мусиқии динӣ ва сурудҳои халқӣ навишта гирифта шаванд. Сурудхонии бисёровоза аз а. 19 маъмул гашта, рақсу сурудҳои халқӣ аз нав таҳрир шуданд. Мусиқии классикии арман бо эҷодиёти Г. Чухаҷян (1837 – 98) – муаллифи операи нахустини арманӣ «Аршаки II», М. Екмалян (1856 – 1905) – муаллифи мусиқии хори «Патарага», Комитас, А. Спендиаров вобаста аст. Баъди Инқилоби Октябр нашъунамои нави санъати мусиқии арман сар шуд. Соли 1921 дар Ереван студияи мусиқӣ ташкил гардида, с. 1923 ба консерватория табдил ёфт. Соли 1930 театри мусиқӣ, Иттифоқи композиторон ва филармония таъсис шуд. А. *Хачатурян, С. Баласанян,* А. Долуханян, А. Арутюнян, А. Бабаҷанян, Ҷ. Тер-Татевосян ва дигарон дар жанрҳои гуногун – опера, балет, оперетта, симфония, эстрада асарҳо офаридаанд. Ереван маркази асосии ҳаёти мусиқии кишвар аст. Намояндагони машҳури мактаби иҷроии арман дар с-ҳои охир – дирижёр А. Мелик-Пашаев, Э. Ханҷян, сароянда Г. Гаспарян, П. Лисицсиан, З. Долуханова. Дар А. даҳҳо мактаби мусиқӣ ва 5 омӯзишгоҳи мусиқӣ ҳаст.

Театр. Таърихи театри арман аз ҳазорсолаи 2 то м. оғоз ёфтааст. Жанру навъҳои театри қадим гуногун буд. Актёрҳо – дзайнарку гусанҳо, вохпергакҳо ва катакергакҳою гусан – катакаҳо асарҳои фольклори драматургҳои юнонӣ ва арманиро иҷро мекарданд. Театри ҳаҷвии сайёри гусанҳо – мимосҳо, сахратсу низ вуҷуд дошт. А-ҳои 17 – 18 дар колонияҳои арманӣ театри нави арман пайдо шуд. Соли 1810 намоиши аввалин спектаклҳои арманӣ барпо гардид. Солҳои 1846 – 66 театри «Арман татрон» вуҷуд дошт. Дар ибт. с-ҳои 60 а. 19 дар Константинопол «Аревелян – татрон» («Театри Шарқ») ва дар Тифлис театрҳои доимии касбӣ ташкил шуданд. Соли 1918 труппаҳои (дастаҳои) театрии арман дар Россияи Шӯравӣ, Украина ва Кавкази Шимолӣ, с-ҳои 20 а. 20 дар худи А., Гурҷистон ва Озарбойҷон пайдо шуданд. Театри шӯравии арман с. 1918 дар Кавкази Шимолӣ ба вуҷуд омад. Соли 1921 дар Ереван Театри якуми давлатии А. барпо шуд (аз с. 1937 Театри ба номи Г. Сундукян). Солҳои 20 – 30 а. 20 дар Боку, Тбилиси, Ленинакан, Ереван, Кировакан ва дигар шаҳрҳо театрҳои нави давлатӣ ташкил шуданд. Соли 1944 дар Ереван Донишкадаи театрӣ кушода шуд. Солҳои 60 – 80 дар марказ театрҳои нав: Театри драмаи арман (1969), Театри ҷавонон, Театри камеравӣ, Театр-студияи киноактёр, Театри пантомима ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар а. 20 ва ибт. а. 21 дар байни коргардонҳо ва актёрҳои театр А. Б. Ҷигарханян, Жасмин, М. Симонян, Ф. Мкртчян, В. Т. Вартанян, А. Григорян ва ғ. шӯҳратманд гаштаанд. Дар театрҳои арман асосан асарҳои классикаи миллӣ, рус ва Европаи Ғарбӣ, аз эҷодиёти драматургҳои замон асарҳои Д. Демирчан, В. Багаршян, П. Зейтунсян, К. Тренёв, Н. Погодин, В. Розов, А. Вампилов, Б. Брехт ва дигарон ба саҳна гузошта мешуданд ва аз нав таҳия мешаванд. Театрҳои ох. а. 20 – авв. а. 21 худро дар ҳамаи шаклҳои саҳнавӣ ва ҷараёнҳои замонавӣ, ҳатто «театри абсурд» (театри ҳарза) ё асарҳои романтикӣ таҷриба мекунанд, дар фестивалҳои театрии байналмилалӣ иштирок менамоянд.

Кино. Аввалин филми хроникавӣ с. 1907 ба навор гирифта шудааст (маросими дафни Католикос Мкртич Хримян). Воқеабардорони арман дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) лаҳзаҳои муҳорибаҳоро дар Фронти Кавказ, инчунин ҳодисаҳои фоҷиабори аз Туркия ронда шудани арманҳоро ба навор гирифта буданд (чун маводи хроникавӣ). Соли 1923 «Госкино» ташкил ёфта, аз с. 1957 киностудияи «Арманфилм» ном гирифт. Якумин филми ҳуҷҷатӣ «Арманистони советӣ» (1924) ва филми бадеӣ «Номус» (1925) мебошад. Минбаъд филми эпикии «Заре» (1927), филми мазҳакавии «Шор ва Шоршор» (1927), аввалин филми овозии «Пэпо» (аз рӯи асари ҳамноми Г. Сундукян, 1935), филми мазҳакавии «Кикос», драмаи психологии «Гикер» (реж. Мартиросян) наворбардорӣ шуданд; аввалин филмҳои тасвирӣ («Саг ва гурба», 1938) низ пайдо гардиданд. Баъдтар филмҳо дар мавзӯи таърихӣ: «Каро», «Зангезур», «Давид-Бек» ва дар мавзӯъҳои инсон ва таҳаввулоти ботинии он «Аз баҳри вичдон», «Бо роҳи раъди ғуррон», «Роҳ ба саҳна» истеҳсол шуданд. Филмҳои «Шахсан маълум» (дар бораи инқилобгар Камо, 1958) ва «Супориши фавқулода» наворҳои машҳури прокати (филм-намоишдиҳии) шӯравӣ гардиданд. Соли 1959 студияи истеҳсоли филмҳои хроникавӣ-ҳуҷҷатӣ ва илмӣ-оммавӣ ба кор шурӯъ карда, с-ҳои 60 як қатор наворҳои ҷолиб офарид: «Мартирос Сарян (1966), «Хафт суруди Арманистон» (1967). Синамогарони арман ба асарҳои классикӣ низ рӯ оварданд: филмҳои «Барои шараф» (аз рӯи асари Шервонзода) «Кориолан» (Шекспир) «Хатабала» (Сундукян). Дар мавзӯи муосир филми «Салом, ин манам!» (реж. Ф. Довлатян) ва дар мавзӯи ҷанги шаҳрвандӣ «Бародарон Сароянҳо» (реж-ҳо Х. Абрамян, Айрапетян)-ро офариданд. Дар синамои А. кӯшишҳои қолабшиканӣ дар жанрҳои анъанавӣ (филмҳои ҳунарии С. И. Параҷанов, аз ҷумла «Ранги анор», филмҳои ҳуҷҷатии А. Пелешян «Ибтидоҳо», «Мо», «Асри мо») ба назар расида, филмҳои с-ҳои 1960 – 80-и мамлакатро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровард. Минбаъд студияи «Арманфилм» (муҷаҳҳаз бо техникаи замонавӣ) дар жанрҳои гуногун соле 6 – 7 филми бадеӣ ва даҳҳо навори ҳуҷҷатию телевизионӣ дар мавзӯъҳои геносиди арманҳо, роҳи душвори ҷумҳурии А. дар с-ҳои 20 а. 20, дар жанри «монологи дохилӣ» («Офто-

би тирамоҳӣ»-и Б. Оганесян) ва ҳаёти рӯзмарра истеҳсол мекард. Солҳои 80 а. 20 таҳияи силсилаи телевизионӣ (телесериал) оид ба хазинаи маънавии «Матенадаран» оғоз гардид. Ҳамчунин филми бадеии «Кучо будӣ, марди худо?» оид ба як зиёии армани а. 20, як қатор филмҳо дар мавзӯъҳои охирзамон – шикасти низоми ҷаҳон, ташаннучҳои ҷомеаи А., мушкилу масоили Қаробоғи Кӯҳӣ ва ҳаёту тақдири инсонҳо («Имдодҷӯӣ дар биёбон», «Боди фаромӯшӣ», «Гаравгонон», «Лаънатзадагон», «Раҳм кун, худоё!» ва ғ. ба навор гирифта шуд. Филмҳои бахшида ба хориқаи С. И. Параҷанов «Параҷанов. Баҳори охирин» ва «Параҷанов. Коллажи охирин» зуҳуроти тоза дар кинематографияи ҷаҳон буд. Аз с-ҳои 90 а. 20 дар таърихи кинои арман истеҳсоли аввалин филмҳои хусусӣ ба роҳ монда шуд ва ҳоло мураввақ аст.

Ад.: Арутюнян В.М., Сафарян С.А., Памятники армянского зодчества, М., 1951; История армянского народа, ч.1, Ереван, 1951; Гоян Г., 2000 лет армянского театра, т. 1 – 2, М., 1952; Гакаланян О., Очерки армянской литературы 19 – 20 вв., Ереван, 1954; Изобразительное искусство Армянской ССР, М., 1957; Шавердян А., Очерки по истории армянской музыки 19 – 20 вв. (досоветский период), М., 1959; Армянское киноискусство, сб. ст., Ереван, т. 1 – 2, 1958 – 60; Армения, М., 1966; Оганесян К. Л., Архитектура Советской Армении, Ереван, 1955; Новая Российская Энциклопедия, т. 2-й, М., 2005; Страны мира (Современный справочник), М., 2008.

АРМАНӢҲО, (худашон хай мегӯянд), халқ, аҳолии асосии Арманистон (тақр. 145,6 ҳазор нафар) ва Қарабоғи Кӯҳӣ (145,6 ҳазор нафар). Одатан дар Гурҷистон (тақр. 440 ҳазор нафар), Эрон (200 ҳазор нафар), Туркия (150 ҳазор нафар), Лубнон (150 ҳазор нафар), Сурия (120 ҳазор) сукунат доранд. Ҷамоатҳои нисбатан бузургтари А. дар ШМА (700 ҳазор), Россия (бештар аз 535 ҳазор), Франсия (270 ҳазор нафар) ва дигар давлатҳо (тақр. 70 ҳазор нафар) низ зиндагӣ мекунанд. Шумораи умумии аҳолии армантаборро муҳаққиқон дар ибт. а. 21 бештар аз 10 млн нафар ҳисоб кардаанд. А. ба 40 лаҳҷаи забони арманӣ такаллум мекунанд. Ҳамчунин аз забони мамлакате, ки дар он зиндагӣ доранд, хуб истифода мебаранд. Хати арманӣ ба асоси алифбои он (а. 5) тартиб дода шудааст. Эътиқодмандон аслан пайравони масеҳиянд, вале католикҳову протестантҳо низ ҳастанд. Ташаккули халқияти А. дар ҳудуди Осиёи Хурд ба а. 2 то м. рост меояд. Дар ин ҳудуд яке аз қабилаҳои бузург – хетҳо тасаллут доштанд ва ҳудуди будубоши аҷдоди А. – Хайас (этноними хай аз ин ҷост), ки як қисмаш «Арматана» ном дошт, дар қаламрави хетҳо буд. Дар муттаҳидшавии этникии А. давлати Урарту (а-ҳои 9 – 6 то м.) нақши муҳим дошт, вале аз а. 7 авв. арабҳо, сипас Салҷуқиён ва баъдтар муғулҳо ва аз а. 17 Империяи Усмонӣ ва форсҳо давлати А.-ро тасарруф кардаанд. Дар ибт. а. 19 қисмати бештари Ш-и Арманистон ба Россия ҳамроҳ карда шуд. А.-ҳо асосан ба кишоварзӣ, токпарварӣ, боғдорию зироаткорӣ ва чорводорӣ (ҳайвоноти калони шохдор, хукпарварӣ, асп ва астарпарварӣ) машғуланд. Аз ҳунармандӣ бештар қолинбофӣ, кашидадӯзиву гулдӯзӣ, кандакорӣ, ҳаккокӣ, хотамкорӣ маъмуланд. То ибт. а. 20 оилаҳои калоннуфуси бар асоси анъанаҳои падаршоҳӣ зиндагикунанда бештар буданд. Хонаҳояшон чоркунҷашакли бе тиреза, аз санг сохта шуда бомаш аҳромшакл буд (бештар дар қаряҷот). Чунин хонаҳо глхатун ном дошта, равшанӣ ба хона аз равзан, ки вазифаи дудбарорро низ ичро мекард, ворид мегардид. Хонаҳо ба тавассути оташдонҳо ё бухориҳои гилии дар девор илҳоқшуда гарм карда мешуданд. Хонаҳои шаҳриён нисбатан замонавӣ буда, ду ё се қабат доштанд. Онҳо аз хишти пухта сохта шуда, шаклҳои меъмории гуногун доранд. Эҷодиёти даҳанакии А. хеле бой ва рангин буда, аз афсонаҳо, суруду таронаҳо, ҳамосаҳо иборат аст.



Либоси миллии Арманиҳо.

Ад.: Тер – Саркисянц А. Е., Армянс. – история и этнокультурные традиции. М., 1998.

Б. Раҳматов.

АРМАТӮРА (лот. armature – ҷиҳоз), маҷмӯи олоту деталҳои фаръӣ (одатан, стандартӣ), ки ба таркиби таҷҳизоти асосӣ дохил намешаванду барои таъмини кори мӯътадили он заруранд. Дар техникаи стандартӣ А.-и трубопровод (вентил, кран, клапан ва ғ.), дар техникаи электрикӣ А.-и электротехникӣ (патрон, васлак, калид ва ғ.), дар бинокорӣ А.-и конструксияҳои оҳанубетониро истифода мебаранд. Мас., дар таркиби оҳанубетон А. барои мустаҳкам шудани маснуот хизмат мекунад. А. асосан дар шакли мил, сим ё симтӯрҳои пӯлодин дар дохили бетон гузошта мешавад (ниг. *Оҳанубетон*). Меъморони Осиёи Миёна А.-ро аз қадим истифода мебурданд. Мас., барои мустаҳкам шудани лойдевор андарунӣ он синҷ мегузоштанд, ба лой коҳ илова мекарданд.

А́РМИЯ, ниг. *Артиш.*

А́РМИЯИ СУРХ (Армияи Сурхи коргару деҳқон), номи расмии Армияи Советӣ (Артиши Шӯравӣ) аз с. 1918 то 1946. А. С. дар барқарор намудани Ҳокимияти Советӣ дар ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон нақши муҳим гузоштааст.

АРМОЙЛ, яке аз персонажҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Ҳамроҳи Кармоил ба дарбори Заҳҳок роҳ ёфта, хӯришгар (ошпаз) шуд. А. ва Кармоил бо чораву тадбир ба ҷойи яке аз ду ҷавоне, ки бояд кушта шуда, мағзи сараш тӯъмаи морони Заҳҳок мегардид, гӯсфандеро мекуштанд ва бо ҳамин роҳ дар як моҳ 30 ҷавонро аз марг наҷот медоданд. Вақте шумораи ҷавонони наҷотёфта ба 200 мерасид, ба онҳо бузу гӯсфанд дода, аз шаҳр берун ба дашту даман, аз назари мардум дур мефиристоданд. Мувофиқи ривоятҳо, мардуми курд аз авлоди ҳамин ҷавонони раҳоёфта ба вуҷуд омадааст. Фирдавсӣ дар ин бобат мегӯяд:

Хӯришгар бар эшон бузе чанду меш,
Бидодиву саҳро ниҳодаш пеш.
Кунун курд аз он тухма дорад нажод,
К-аз обод н-ояд ба дил бар-ш ёд…

Ад.: Абулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ҷ. 1, Д., 2007.

Г. Саъдиева.

А́РМСТРОНГ (Armstrong) Нил Олден (тав. 5. 8. 1930, Уапаконета, Огайё), астронавти америкоӣ, нахустин инсонест, ки ба сатҳи Моҳ қадам ниҳодааст (21 июли 1969). Баъд аз хатми Омӯзишгоҳи ҳарбии баҳрии лётчикҳо с-ҳои 1950 – 52 дар ҷанги Корея иштирок намудааст. Баъди хатми Донишгоҳи ш. Лафайет (1955) ихтисоси муҳандиси авиатсионӣ гирифт ва ба дараҷаи бакалаври илми самолетсозӣ соҳиб шуд. Дар қисмҳои авиатсионии қувваҳои ҳарбии баҳрӣ, сипас ҳамчун лётчики озмоишгари маркази илмию таҳқиқотии NASA (Раёсати Миллии ШМА оид

ба аэронавтика ва таҳқиқоти фазои кайҳонӣ) дар ш. Люис хизмат кард. Ӯ самолетҳои реактивӣ, аз ҷумла Дастгоҳи аэрокайҳонии таҷрибави (ракетоплан)-и Х-15-ро озмуд. Аз с. 1962 ба гурӯҳи астронавтҳои NASA шомил гардид. Бори аввал 16 марти 1966 ба сифати сарнишини киштии кайҳонии «Ҷемини-8» ба кайҳон (бо Д. Скотт) парвоз кард. 16 – 24 июли 1969 бори аввал ҳамчун сарнишини киштии кайҳонии «Аполлон –11» ба Моҳ парвоз намуд (якҷоя бо Э. Олдрин ва М. Коллинз). 20 июли 1969 камераи махсус бо А. ва Э. Олдрин аз киштии «Аполлон–11» ҷудо шуда ба Баҳри Ороми Моҳ нишаст. А. дар таърихи инсоният аввалин шахсест, ки 21 июли 1969 ба рӯи Моҳ қадам ниҳод ва берун аз камераи махсус 2 соату 21 дақ. 16 с дар сатҳи Моҳ буд. Баъди ичро кардани барнома астронавтҳои «Аполлон-11» бо намунаҳои хоки сатҳи Моҳ ба Замин баргаштанд. А. то с. 1970 муовини сардори Идораи NASA, с-ҳои 1971 – 79 проф. Донишгоҳи Синсинати (штати Огайё) буд. Аз с. 1980 узви Раёсати як қатор ширкатҳои ШМА. Ба ифтихори А. як танӯраи Моҳ номгузорӣ шудааст.

«АРМУҒО́Н» нашрияи «Анҷумани адабии Эрон», маҷаллаи ҳармоҳае, ки бо сарварии *Ваҳиди Дастгардӣ* дар Теҳрон нашр мешуд. Шумораи нахустинаш янв. 1920 ва шумораи охиринаш дек. 1942 ба табъ расидааст. Дар «А.» Ваҳиди Дастгардӣ ва дигар адабиётшиносону адибон, шоирони Эрон оид ба адабиёти классикии форс-тоҷик, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, адабиёти араб, адабиёти халқҳои ҷаҳон ва ғ. мақолаҳои илмии пажӯҳишӣ менавиштанд. Дар «А.» инчунин тарҷумаи ҳол ва намунаи осори адибони ҷаҳон ба табъ мерасиданд. «А.» соле даҳ шумора нашр мешуд. Дар шумораҳои 11 – 12 ашъори шоирони форс-тоҷик, баъзан девонҳо ба табъ мерасиданд (мас., девони Абулфараҷи Рунӣ, дубайтиҳои Боботоҳири Урён ва ғ.). Дар «А.» намунаҳои эҷодиёти шифоҳии мардуми Эрон, афсонаву ривоятҳои халқӣ, ашъори ба лаҳҷаҳои гуногуни забони форсӣ дар минтақаҳои гуногуни Эрон эҷодгардида ба табъ мерасиданд. «А.» барои омӯзиши адабиёти классикии форс-тоҷик ва эҷодиёти шифоҳӣ (фолклор)-и Эрон манбаи пуразиш аст.

Ад.: Чайкин К., Краткий очерк новейшей персидской литературы, М., 1928.


Ф. Наҷмонов.

АРМУҒО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳ. Рӯдакӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Сомониён 7 км; роҳ қисман асфалтпӯш. Аҳолиаш 472 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, заводи хишт, корхонаи дорусозӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ. Заминҳо аз чашма обёрӣ мешаванд.


АРМУҒО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳ. Данғара. Аз деҳа то маркази ноҳия 3 км, то вилоят 79 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 876 нафар (2009), тоҷикон 99%, ӯзбекон 1%. Деҳа мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, ғаллакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо ба воситаи нақби Данғара аз обанбори Норак обёрӣ мешаванд.

«АРМУҒО́НИ БАДАХШО́Н», тазкираест, ки Шоҳабдуллоҳи Бадахшӣ (яке аз намояндагони аҳли илму адаби Афғонистон, ки дар ох. а. 19 – ибт. а. 20 зиндагӣ кардааст) таълиф намудааст. Шарҳи ҳол ва намунаҳои осори шоирони даризабони а. 19 – ибт. а. 20 Бадахшони Афғонистон (Ҷурм, Юмгон, Файзобод, Баҳористон, Дарвоз ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Дар «А.» нахуст дар бораи ноҳияҳо маълумоти ҷуғрофӣ, этнографӣ, оид ба забон, вазъи ичтимоӣ, созҳои мусиқӣ ва тарзи сохтани онҳо ва ғ. оварда шуда, сипас аз шоирони он ноҳия (Оҷиз, Аҳқар, Дабир, Раҳмати Бадахшӣ ва дигарон) сухан рафтааст. Дастнависи «А.» дар дасти хешовандони муаллиф маҳфуз аст. Якчанд пораи он с-ҳои 1936 – 42 дар шумораҳои 57 – 103 маҷ. «Кобул» нашр шудааст. *С. Ализода.*

АРНА́Б (аз ар. – харгӯш, лот. Lepus), бурҷи Нимкураи Ҷанубии осмон, масоҳ. 290,3 градуси мураббаъро фаро гирифта, 72 ситораи ба чашм аёнро дорост. А. бурҷи қадима буда, ба каталоги «Алмаҷастӣ»-и Батли-



Бурҷи Арнаб дар атласи муосири бурҷҳо.



Бурҷи Арнаб дар атласи Европаи асримёнагӣ.

муси Калузӣ (Клавдий Птолемей) шомил аст. Ситораҳои дурахшонаш Арнаб (α Lep) – 2,58^{m} ва Ниҳал (β Lep) – 2,84^{m}. Ситораи R Lep яке аз ситораҳои сурхи тағйирёбандаи осмон буда, нахуст онро олими немис Иоганн Фридрих Юлиус Шмидт (1825 – 1884) таҳқиқ намудааст. Астрономи англис Ҷон Рассел Хайнд (1823 – 1895) онро «ҳамчун қатраи хун дар манзари сиёҳ» номидааст. Даври гардишаш дар гирди Офтоб 432,47 шабонарӯз буда, тобишаш аз 5,9 то 10,5 бузургии ситоравӣ тағйир меёбад. А. дар арзҳои аз +63° то –90° намоён аст. *М. Холов.*

АРНАВА́Д, қулла, нуқтаи баландтарини қ-кӯҳи Дарвоз (дар ғарби ВМКБ). Баландиаш 6083 м.

АРНАВО́З, яке аз персонажҳои ривояту достонҳои бостонии мардуми ориёӣ, инчунин «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Номаш дар *Авесто* (бахши «Яштҳо») ба шакли Аренавак ҳамроҳи хоҳараш Шаҳрноз (дар Авесто Сангҳвак) вомехӯрад. Онҳо занони Ажи-Даҳака (*Заҳҳок*) мебошанд. Траетаони (*Фаридун*) ба эзидон қурбониҳо оварда, хостор мешавад, ки ин ду зани зеботарини рӯи ҷаҳонро ба даст оварад ва дар охир ба мақсадаш мерасад. Дар осори паҳлавӣ (тафсиру тарҷумаи Авесто ба забони паҳлавӣ, «Бундаҳиш» ва ғ.) А. ва Шаҳрноз хоҳарони *Ҷамшед* мебошанд, ки Заҳҳок пас аз шикаст додани Ҷамшед онҳоро ба занӣ мегирад. Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ А. ва Шаҳрноз хоҳарон (дар баъзе нусхаҳо духтарон)-и Ҷамшеданд ва пас аз пирӯзии Заҳҳок ба ӯ супурда шуданд. Фаридун А. ва Шаҳрнозро аз чанги

Заҳҳок раҳонида ба занӣ гирифт. Аз А. *Эраҷ* ба дунё омад.

Ад.: Абдулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ч. 1, Д., 2007. *Г. Саъдиева.*

АРОБАКА́Ш, навъе аз харбузаҳои миёнсолӣ. Бештар дар вил. Суғд, водии Вахш, инчунин вил-ҳои Сирдарё ва Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мепарвараанд. Баъди 95 – 100 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш байзашакл, дарозиаш 40 – 50 см, вазнаш 8 – 27 кг, пӯсташ камтӯри зард, мағзаш сафеди сершира, хуштаъм, то 10% қанд дорад. Аз ҳар га 350 – 500 сентнер ҳосил медиҳад. Барои нигоҳ доштану хушконидан ва ба ҷойҳои дур бурдан мувофиқ аст.

«АРОЙ́С-УЛ-ХАВОТИ́Р ВА НАФОЙ́С-УН-НАВОДИ́Р», қадимтарин маҷмӯаи номаҳо ба забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ, ки *Рашиди Ватвот* дар асоси бахше аз муншаоти худ тартиб додааст. Дар миёнаи с-ҳои 1156 – 73 тадвин шудааст. «А.» аз номаҳое иборат аст, ки ба халифаи Бағдод, вазирони ӯ, подшоҳони бузурги он замон, Султон Санҷар, ходимони дарбор, вазирон, қозиҳо ва дигарон навишта шудаанд. Номаҳо ба забони арабӣ ва форсӣ (25-тоӣ) мебошанд. Дар поёни номаҳои арабӣ ва ҳам форсии тоҷикӣ таҳти унвони «руқъае чанд мӯҷаз» номаҳои кӯтоҳи арабӣ ва форсии тоҷикӣ (5-тоӣ) ҷой дода шудаанд. Миқдори номаҳо дар баъзе нусхаҳои А. бештаранд. Номаҳо ба таври куллӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) расмӣ ё девонӣ (давлатӣ), ки онҳоро дар истилоҳи муншиён «султониёт» меномиданд; 2) ғайрирасмӣ ё дӯстона, ки «ихвониёт» номида мегуфтанд. Номаҳои расмӣ, фармонҳо, дастурҳо ба ҳукмронони тобеъ ва фатҳномаҳоро дар бар гирифтаанд. Ду нусхаи аксии «А.» дар китобхонаи миллии ҶИЭ маҳфузанд, ки асли ҳарду дар Туркия (ш. Қуния) нигаҳдорӣ мешаванд.

Ад.: Мисбоҳиддини Нарзиқул, Таърих ва назарияи номанигорӣ (аз қадим то замони Амир Хусрави Деҳлавӣ), Д., 2009.

М. Нарзиқул.


АРПАБОДИЁН,ниг. *Розиёна.*

АРПАТУГУЛДӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳ. Восеи вил. Хатлон. Аз А. то маркази ноҳия 7 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 3123 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, боғчаи кӯдакон дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АРПАТУҒУЛДӢ, деҳа дар Ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Москва 15 км, то маркази вилоят 180 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 1078 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Деҳа мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АРПЕҶИ́О, арпечо (итал. arpeggio – монанди арфа), пайиҳам садодиҳии овозҳои аккорд; ҷудо-ҷудо навохтани овозҳои аккорд, ки бештар аз пардаи поён сар мешавад. Ҳангоми навохтани созҳои клавишдор (тугмачадор), одатан, мавҷҳои овозӣ пеш аз аккорди дигар то охир риоя мегардад. Ҳангоми навохтани созҳои торӣ А. мувофиқи имкониятҳои хоси онҳо танҳо дар 2 овози боло ё як овози баландтарин риоя мешавад. Суръати А.-навозиро хусусиятҳои пйеса муайян мекунад. Ҳоло аккордҳои (бисёровоза) А.-ро аз қаторовози поёнӣ навохта ба боло мераванд. Пештар онро аз боло ба поён менавохтанд. А.-ро бештар ҳангоми навохтани арфа ва фортепиано истифода мебаранд. А. ҳангоми иҷрои силсилаи аккордҳои ҷудогона дар намуди хати мавҷдори амудӣ истифода мегардад. *Ш. Ҳабибов.*

АРРА, асбобест барои буридани чӯб, тахта, устухон, садаф, санг, оҳан ва ғ. Аз рӯи шаклу таъйинот А. хелҳои бисёр дорад: дастарра (якқаса), ғӯлабур (дукаса), шаддабур (дар асбобу дастгоҳсозӣ), тахтабур (дар чӯбкорӣ), пуштакӣ, шаддабури кашакдор, шаддабури бекашак, шаддабури дандонкалон, маҳинбур, нозук, мудаввар, пӯлодбур, садафбур, хатбур ва ғ. Ҳоло дар чӯббурӣ бештар А.-и мудаввар ва занҷирии ба тавассути муҳаррики баркӣ коркунандаро истифода мебаранд.



Намудҳои арра: а – дастарраҳо; б – камонарраҳо; в – дандонаи арраҳо. 1 – дандонаҳо барои арракунии кундаланг; 2 – дандонаҳо барои арракунӣ ба дарозӣ, баркад; 3 – дандонаҳо барои арракунии ҳархела.

АРРАМОҲӢ (Pristis pectinatus), навъе аз моҳӣ. Дарозиаш 4,8 м, вазнаш то 2 т. Фукаш дарози аррашакл (номаш аз ҳамин ҷост); мисли диг.



Аррамоҳӣ.

моҳиёни аррабинӣ мӯйлаб надорад. Сӯрохи ғалсамааш дар қисми поёни сар ҷойгир шудааст. А.-ҳо 7 намуд доранд; дар обҳои тропикӣ ва субтропикии ҳамаи уқёнусҳо, баъзан дар дарёҳо дучор меоянд. Дар тунукобҳо зиндагӣ мекунанд. Ғизои А. моҳӣ ва дигар мавҷудоти бемӯҳра аст; баъзан ғизоро аз зери рег ва лой кофта меёбад. А. тухмзиндазой (15 – 20-то) аст. Аҳамияти хоҷагии А. кам аст.

АРРЕ́НИУС Сванте Август (19. 02. 1859, Уппсала – 2. 10. 1927, Стокголм), физик, химик ва астрофизики шветсиягӣ, узви пайвастаи АИ Шветсия (1901), узви фахрии академияҳо ва ҷамъиятҳои якчанд мамлакатҳо. Баъди хатми мактаби динии Уппсала (1876) ба Донишгоҳи Уппсала дохил шуда, дарачаи бакалаври (1878) илмҳои дақиқро гирифт ва с. 1881 таълимро дар Ин-ти физикаи Академии илмҳои подшоҳии Стокголм давом дода, ноқилияти электролитҳоро омӯхт. Дар донишгоҳҳои Рига (1886), Вюртсбург (1886 – 87), Амстердам (1888) кор кардааст. А. с. 1891 дар Донишгоҳи технологии подшоҳӣ (Стокголм) таълим додааст (проф. ва ректори Донишгоҳи мазкур, 1896). Аз с. 1905 то охири умр директори Ин-ти физикаю химияи Нобел буд. А. асосгузори назарияи диссотсиатсияи электролитӣ аст, ки ҳоло назарияи Аррениус номида мешавад. Ӯ баъзе муаммоҳои электрохимия ва назарияи маҳлулро ҳал кардааст, ки боиси пешрафти физика, геофизика, биология ва биохимия гардидааст. Дар кинетикаи химиявӣ муодилаи ба ҳарорат вобаста будани суръати реаксияро кашф кард. Дар физика пайдоиши барқи куравӣ, таъсири афканишоти Офтоб ба атмосфера, фаъолияти вулканҳоро омӯхт. А. нахустин олимест, ки назарияи ҷамъшавии гази карбонро чун сабаби баландшавии ҳарор. Замин (тағйирёбии иқлим) баён кард. Бо Мукофоти Нобел (1903) ва дигар ҷоизаҳои хориҷӣ сарфароз гардидааст.



АРРИА́Н (Arrianos) Флавий (тақр. с-ҳои 95 – 175), муаррих ва нависандаи Юнони Қадим. Дар Рим муддате дар вазифаҳои давлатӣ буд. Солҳои 121 – 124 консул ва тақр. с-ҳои 131 – 137 волии Каппадокия. Доир ба фалсафа, таърих, илми ҷанг, география асарҳо навиштааст. Китоби ҳафтчилдааш «Таърихи юришҳои Искандари Кабир» барои омӯхтани таърихи Осиёи Миёна аҳамияти калон дорад. Асарҳои таърихӣ ва географии «Ҳиндустон», «Сафари Понти Евксин» ва асарҳои фалсафии ӯ «Ёддоштҳо дар бораи Эпиктет» ва «Раҳнамо» то замони мо расидаанд. Асари охирин аз ду рисолаи доир ба илми ҷанг ва як рисолаи оид ба шикор иборат аст. Аз дигар осори А. танҳо ном ё порае боқӣ мондааст.

АР-РИЁЗ (маънояш боғ, гулзор), шаҳр, пойтахти Арабистони Саудӣ ва маркази маъмурии музофоти Арриёзӣ вил. Ҳаҷд. Аҳолиаш 4878473 нафар (2010). То с. 1960 А. ҳамагӣ 160 ҳазор сокин дошт. Яке аз шаҳрҳои гармтарини олам (ҳарор. миёнаи янв. +14,4, июл +36,6, баъзан то 50°С мерасад). Иқлимаш ниҳоят хушк, миқдори боришоти солона аз 100 мм беш нест. А. аз 15 ноҳияи маъмурии худидоракунии маҳаллӣ иборат буда, аз тарафи губернатори музофоти А. идора карда мешавад. Даромади зиёди нефт А.-ро ба шаҳри фавқулзамонавӣ ва сераҳолӣ табдил дод. А. дар гузашта номи мавзеи паҳновар ва сабзу хуррами маркази нимҷаз. Арабистон буда, баъдтар танҳо як қисми аҳолинишини он ба шаҳри А. табдил ёфт. Соли 1818 А. аз тарафи Империяи Усмонӣ торумор гашт. Соли 1823 асосгузори давлати Саудии Сонӣ – Туркӣ ибни Абдуллоҳ давлатро аз нав эҳё ва А.-ро ба сифати пойтахти нав интихоб намуд. Мухолифатҳои байни наберагони Туркӣ давлатро хароб карданд ва он с. 1891 ба дасти рақибашон Ар-Рашид гузашт. Соли 1902 А. ба дасти шоҳ Абдулазиз ибни Сауд расид ва ӯ ба бунёди Шоҳигарии Арабистони Саудии имрӯза пардохта, дар А. қароргоҳи худро бино кард. Пойтахти Арабистони Саудӣ аз с. 1932 ба таври замонавӣ бунёд мегардид ва тавсиа меёфт. Шаҳр ба ноҳияҳои маъмурӣ, дипломатӣ, истеҳсолӣ, маркази тиҷоратӣ (бо муассисаҳои вақтхушӣ, тарабхонаҳо), қисми аҳолинишин ва таърихӣ тақсим мешавад; боғоту гулгаштҳои дилнишин, маҷмааҳои варзишӣ ва истироҳатгоҳҳои замонавӣ дорад (ноҳияҳои Даҳран, Даммам, Ҷидда ва ғ.).

А. маркази сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии мамлакат буда, дар он корхонаҳои истеҳсолӣ, роҳи оҳан, 4 аэропорти байналхалқӣ мавҷуд аст. Р. о. А.-ро бо ш-ҳои Ҷидда ва Макка мепайвандад. Аз сохтмонҳои анъанавӣ хеле кам намунаҳо боқӣ мондаанд: Мураббаъ – девори атрофи шаҳр, қасри Ал-Масмак ва ғ. Бинои манораҳои мӯҳташами А. – Маркази шоҳ (99 табақа, баландиаш 300 м, масоҳ. асосаш 9423 м^2), маркази тиҷорат, Бурҷ-ал-Файсалия, манораи Ал-Аноуд (145 м) ва ғ. ҳайратоваранд. Соли 2009 сохтмони метрополитен оғоз гардид. А. осорхонаи миллӣ, академияи ҳарбӣ, Донишгоҳи шоҳ Сауд, донишкадаи олии техникӣ, пойгоҳи электрикӣ, манораи телевизионӣ (170 м), 4300 масҷид дорад.

А. маркази молиявӣ ва соҳибкории Шарқи Наздик мебошад: бонкҳо ва ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ дар ин ҷо намояндагӣ ва марказҳои худро доранд. Коргоҳҳои бузурги саноати нефт, технологияҳои олӣ, ширкатҳои сохтмонии шӯҳрати ҷаҳонидошта низ фаъолият мекунанд. Матбуоти даврӣ ба се забон: англисӣ, арабӣ ва урду нашр мешавад.

АРСА́И ВАРЗИ́Ш, ҷойи махсус ҷиҳозонида барои гузарондани мусобиқаҳои варзишӣ. А. в. аз майдон барои бозиҳои варзишӣ ва намоишҳои оммавӣ (майдони футбол бо минтақаҳо барои волейбол, ҷаҳидан ва ғ., ки бо роҳи пойга иҳота шудааст, майдончаи варзиш, майдончаи гулӯлапартоӣ, роҳи асппойга, нишастгоҳ барои тамошобинон аз якчанд тарафи арса) иборат аст. А. в., одатан, ҷузъи таркибии варзишгоҳ мебошад. Метавонад дар ҳавои кушод ё дохили бино (*клуби варзишӣ*, *қасри варзиш*) ҷой гирад. Майдони А. в.-и барои як намуди варзиш пешбинишударо рӯпӯш карда, дар он ҷиҳози доимӣ насб менамоянд. Дар майдонҳои таъйиноташон серсоҳа бисёр вақт фаршҳо ва ҷиҳози бардошташаванда истифода мешаванд.

АРСЕ́Н (Arsenicum), маргимуш, As, элементи химиявии гурӯҳи V ҷадвали Менделеев; рақами ат. 33, массаи ат. 74,921. Кристалли хокистарранги фӯлодгун. Изотопи собити А.-и табиӣ ^{75}As аст. Дар қишри Замин массаи А. 1,7·10^{-40}%, бештар дар намуди минералҳои сулфурӣ (мас., арсенопирит, аурипигмент ва ғ.) дучор мешавад. Пайвастҳои А.-ро дар истеҳсоли шиша ва чинӣ, ҳангоми коркарди пӯст ва мӯина, дар соҳаи кишоварзӣ (чун заҳри химиявӣ) кор мефармоянд. Пайвастҳои А. дар тиб низ чун дору истифода мешаванд. Бо мақсади табобат пайвастҳои органикӣ ва ноорганикии А.-ро кор мефармоянд. Ба пайвастҳои ноорганикии А. ангидриди А., маҳлули арсенити калий, арсенати натрий ва ғ. мансубанд. Ангидриди А.-ро дар амалияи стоматологӣ кор мефармоянд. Арсенити калий ва арсенати натрий якҷоя бо стрихнин ба таркиби доруи «Дуплекс» дохил карда мешавад (онро ҳангоми камхунии сабук таъйин менамоянд). Пайвастҳои органикии А. ба спирохетҳо, лейшманияҳо, амёбаи исҳоли хунин, трипаносомҳо, плазмодияи варача, трихомонадҳо, баъзе гелминтҳо таъсир мерасонанд.

Истифодаи доруҳои А. барои одамони аз 50-сола боло, инчунин ҳангоми бемориҳои шадиди сироятӣ (зуком, ангина), бемориҳои шадиди меъдаю рӯда, решмарази меъда, амрози дилу рагҳо, гепатитҳо, нефритҳо, омоси гурда, диабети қанд, бемориҳои ҷоғар, диатезҳои хунрез, камхунии вазнин, сил, бемориҳои илтиҳобии пӯст, амрози чашм ва силсилаи асабҳои марказӣ ҷоиз нест. Ҳамаи пайвастҳои ҳалшавандаи А. заҳри қотил мебошанд. Бо мақсади пешгирии заҳролудӣ дар корхонаҳои саноатӣ бояд қоидаҳои беҳдошт ва муҳофизати меҳнат риоя гарданд. Пӯшидани либоси махсус, ҳаво додани ҷои кор, истифодаи респиратор, дастпӯшак, айнаки муҳофизатӣ, баъди кор оббозӣ бо оби ширгарм (бе собун) аз ҷумлаи тадбирҳои пешгирии заҳролудӣ аз А. мебошанд. Хусусан мунтазам аз назорати духтур гузаштан аҳамияти калон дорад. Чунин коргарон бояд ҳар рӯз шир истеъмол намоянд. *Т. Идрисов.*

АРСЕНОПИРИ́Т, колчедани марги муш, минерал, таркиби химиявиаш FeAsS (Fe – 34,3%, As – 46,0%, S – 19,7 %). Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ (аз рӯи маълумоти охирин – трикилинӣ). Кристаллҳояш призмамонанд ё дарози сӯзаншакл;



Кристаллҳои арсенопирит.

агрегатҳояш зич, донадор. Ранги А. сафеди нуқратоб; ҷилояш металлӣ. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 5,5 – 6, зичиаш 5900 – 6200 кг/м^3, зудшикан. А. асосан дар конҳои гидротермалӣ ҳамроҳи сулфидҳои сурб, рух, висмут бо минералҳои касситерит, волфрамит, тиллои холис ва ғ. вомехӯрад. А. барои ҳосил кардани маргимуш минерали асосӣ мебошад. Кони А. дар қ-кӯҳҳои Қурама ва Ҳисори Тоҷикистон мавҷуд аст.

АРСИ́МОВИЧ Лев Андреевич (12 . 2. 1909, Москва – 1. 3. 1973, ҳамон ҷо), физики рус, акад. АИ СССР (1953), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1969). Хатмкардаи Донишгоҳи Минск (1928). Солҳои 1930 – 44 дар Ин-ти физикаю техника ва аз с. 1944 дар Ин-ти энергияи атомии АИ СССР кор кард. А. аз с. 1957 узви раёсат ва акад.-котиби шӯъбаи физикаи умумӣ ва астрономияи АИ СССР, раиси комитети миллии физикҳои советӣ буд. Асарҳои А. ба муаммоҳои физикаи атом, ядрои атом, плазма ва ғ. бахшида шудаанд. Ҳамроҳи А. И. Алиханов ва А. И. Алиханян дурустии қонуни бақои импулсро дар маҳвшавии электрон ва позитрон исбот кард (1936). Дар соҳаи оптикаи электронӣ, физикаи электронҳои баландэнергия, реаксияҳои термоядроӣ дар плазмаи квазистатсионарии устувор, физикаи плазмаи баландҳарорат дар доираи проблемаи синтези идорашавандаи термоядроӣ ва ғ. комёбиҳои басо муҳим ба даст овард. Таҳти роҳбарии ӯ доир ба усули электромагнитии ҷудо кардани изотопҳо аввалин бор дар СССР тадқиқот анҷом ёфт. Аз с. 1951 роҳбари тадқиқоти *реаксияи термоядроӣ* буд. Узви АИ ва Санъати ШМА (1966). Дорандаи Мукофоти ленинӣ (1958) ва Мукофоти давлатии СССР (1953). Бо 4 ордени Ленин ва дигар ордену медалҳо сарфароз гардидааст.

Ас.: Управляемые термоядерные реакции, М., 1961.

АРСЛО́Н ҚОСИ́М (с. тав. номаълум – ваф. 1687, Аҳмадобод, Ҳиндустон), шоири форс-тоҷик. Дар Машҳад таваллуд ёфта, муддате дар Тус зиндагӣ кардааст. Дар синни камолот ба Моваруннаҳр омада, зиндагиву эҷод мекард. Дар солҳои охири умраш ба Ҳиндустон рафт. Тазкиранигорон Хоҷа Ҳасани Нисорӣ («Музаккир-ул-аҳбоб»), Ҳусайнқулихони Азимободӣ («Нештари ишқ») А.-ро чун шоири соҳибдевон ёд кардаанд, вале девонаш дастрас нагардидааст. Абёти зерин аз ӯст:

Лафзу маънӣ ба ҳоли ман гирянд,
Бе ту чун рӯй дар китоб кунам.

***

Гирён чу ба сарманзили аҳбоб гузаштам,
Сад мартаба дар ҳар қадам аз об гузаштам.

Ад.: Ҳусайнқулихони Азимободӣ, Нештари ишқ, кит. 1, Д., 1981. *У. Назиров.*

АРСЛОНХО́Н Муҳаммад ибни Сулаймон (с. тав. номаълум – ваф. 1130, Балх), охирин ҳокими Моваруннаҳр (1102 – 30) аз сулолаи *Қарахониён.* Бо ёрии Султон Санҷар ба тахт нишаст. Дар аҳди А. сохтмон ривоҷ ёфта, арк ва деворҳои Бухоро барқарор ва масҷиду мадрасаҳои бисёре сохта шуданд. А. дар охири умр ба беморие фалаҷ гирифтор шуда, ҳамроҳи писараш Наср ҳукм меронд. Рӯҳониён аз ҳукмронии Наср норозӣ буданд ва дере нагузашта ӯро ба қатл расонданд. А. аз Санҷар имдод хост, вале байни А. ва Санҷар низоъ афтод ва султон Самарқандро забт карда, А.-ро ба Балх бурд. Дере нагузашта А. дар он ҷо вафот кард.

АРТАБО́Н, сулолаи подшоҳони *Ашкониён.*

Артабони I, подшоҳи сулолаи *Ашкониён*. Дар байни с-ҳои 214 – 191 то м. ҳукмронӣ кардааст. Баъд аз марги падараш Тиридоти (Тиридод) I бар тахт нишаст. Аз ихтилофи байни селевкиҳо истифода карда, ба тасхири вилоятҳои ҷануби Баҳри Хазар (Каспий), Рай ва Ҳамадон пардохт. Аммо подшоҳ Антиохи III ба муқобили вай бо тақр. 100 ҳазор сарбози пиёда ва 20 ҳазор савора лашкар кашид ва Ҳамадонро аз вай бозпас гирифта, маъбади Аноҳитаро ғорат кард. Сипас, байни А.-и I ва Антиохи III аҳдномаи сулҳ ба имзо расид, ки тибқи он селевкиён А.-и I-ро чун шоҳ ба расмият шинохтанд. Баъд аз марги ӯ писараш Фарҳоди IV (Фраат) (Ашки IV) ба тахт нишаст.

Артабони II (с. тав. ва ваф. номаълум), подшоҳи сулолаи Ашкониён. Баъд аз қатл шудани бародарзодааш – Фарҳоди II с-ҳои 128 – 124 то м. ҳукмронӣ кардааст. Ба муқобили скифҳо ва дигар қавму қабилаҳои саркашу ғоратгар дар Ш. ва Ҷ-и кишвар ҷангидааст. Дар яке аз ин муҳорибаҳо ҷароҳат бардошт ва бар асари он фавтид. Баъд аз марги ӯ Меҳрдоди II ба тахти подшоҳӣ нишаст.

Артабони III, подшоҳи сулолаи Ашкониён. Дар байни с-ҳои 10 – 38 м. ҳукмронӣ кардааст. Бо дастгирӣ ва пешниҳоди табақаи ҳокими кишвар ба ҷойи Ванани I-ум ба салтанат расидааст. Дар дуюмин набард бо Артабони III Ванан (Ванон) шикаст хӯрда, ба Селевк гурехт ва А. вориди пойтахти кишвар – Тайсафун гардид. Сипас А. Арманистонро низ тасарруф намуд ва писараш Ардро ҳокими он ҷо таъйин кард. Соли 18 м. артиши Рим Арманистонро ишғол кард. Бо пешниҳоди Артабон миёни Ашкониён ва римиён аҳдномаи сулҳ ба имзо расид ва А. ба лашкаркашиҳо ба сарзаминҳои ҳамсоя оғоз намуд. Соли 36 м. дар пойтахт шӯриш сар зад ва А. ба назди хешовандони худ ба Гургон фирор кард. Аҳолии Селевк Тиридодро ҷонибдорӣ карданд ва ӯ Тайсафунро муҳосира намуд. А. бо сипоҳи қавӣ ба сӯи Тайсафун ҳаракат кард. А. ба Сурия фирор намуд. Баъд аз тоҷгузории муҷаддади А. императори Рим хоҳони равобити дӯстона миёни Ашкониён ва римиҳо шуд. Аммо нооромӣ дар дохили кишвар идома дошт. А. с. 38 м. даргузашт ва ба ҷойи ӯ яке аз писаронаш бо номи Гударз ба тахти подшоҳӣ нишаст.

Артабони IV, подшоҳи сулолаи Ашкониён. Дар давраи вуҷудияташ барои тахту тоҷи Порт талошу муборизаҳо кардааст. Дар маъхазҳо дар бораи ҳолати подшоҳии ӯ маълумоти кофӣ нест.

Артабони V (с. тав. ва ваф. номаълум), охирин подшоҳи сулолаи Ашкониён**.** Баъд аз падараш Балоши V дар байни с-ҳои 209 – 224 ҳукмронӣ кардааст. Пеш аз ба тахти подшоҳӣ нишастан ӯ ҳокими Мод буд ва бародараш Балоши IV ҳокими Байнаннаҳрайн. Ибтидо миёни ин ду бародар барои соҳиб шудан ба тахту тоҷи шоҳаншоҳӣ ҷанги худӣ сар зад ва ба А. V муяссар гардид, ки ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ дорад. Ҳамзамон бо ин ҳодисаҳои дохили Эрон императори Рим барои ҳамла ба Эронзамин омода шуд. Вай роҳи ҳилаю найрангро пеш гирифта, дар с. 216 ба Артабони V нома навишт ва ба хотири иттиҳоди ду кишвар ба духтари ӯ хостгор шуд. А. V дархости вайро пазируфт ва императори Рим бо сипоҳи бисёр ба сӯи пойтахти Ашкониён ҳаракат кард. Ҳангоме ки А. V ва ҳамроҳони бесилоҳаш ба хотири истиқболи римиҳо ба берун пойтахти кишвар ш. Тайсафун баромада буданд, лашкари римиён ба ин мардуми бесилоҳ ҳамла карда ҳамаашонро ба қатл расонданд. Римиҳо ғанимати фаровоне ба даст оварда, халқи бисёреро асир гирифта, ҳангоми ақибнишинӣ шаҳрҳо ва рустоҳоро вайрону хароб карданд. Чунончи, дар ш. Арбил оромгоҳи подшоҳони ашкониро ба хок яксон намуданд. Ҳангоми бозгашт ба ва-

тан императори римиён дар с. 217 ба дасти яке аз ҳамроҳонаш ба қатл расид. А. V лашкари бисёре гирд оварда бар сари римиҳо тохт. Римиҳо аз тарс асиронро раҳо карда пешниҳоди сулҳ намуданд. Дар ҷавоб ба онҳо А. V талаб кард, ки бояд римиҳо шаҳрҳо ва қалъаҳои вайронкардаашонро аз нав тармим карда, аз Байнаннаҳрайн берун раванд ва товони ҷангро бипардозанд. Пас аз як ҷанги шадиди серӯза римиён ҳамаи шартҳои А. V-ро қабул карданд, аммо А. V бо вуҷуди пирӯзӣ бар римиҳо натавонист шӯришҳо ва ҷангҳои дохили кишварро фурӯ нишонад. Дар с-ҳои охири салтанати А. V сарпарасти оташкадаи ш. Истаҳр Бобак ва писари ӯ Ардашери Бобакон вил-ҳои Порс, Кирмон, соҳили Халичи Форс, Исфаҳон ва Хузистонро тасхир карданд ва дар тайи се ҷанг А. V-ро шикаст дода, 28-уми апр. 224 ба ҳалокат расонданд. Бо ҳамин сулолаи Ашкониён ҷойи худро ба хонадони *Сосониён* дод. *Қ. Расулиён.*

АРТАШЕ́С (шакли арманишудаи Ардашер), номи се тан аз ҳокимони Арманистон дар аҳди *Ашкониён*.

Арташеси I, писари Аршаки I буда, с-ҳои 189 – 160 то м. ҳукмронӣ кардааст. Соли 190 то м. бар зидди Селевкиён шӯриш бардошта, пас аз пирӯзии римиҳо бар подшоҳи Селевкиён *Антиох* ба римиҳо пайваст ва худро подшоҳи Арманистон эълон кард. А. қаламрави худро аз ҳисоби Мод ва Ибрӣ (Гурҷистон) васеъ карда, пойтахтро аз ш. Армавир ба ш. тозабунёди Арташат (Артаксат) интиқол дод. Аз корҳои дигари А. гузарондани ислоҳоти замин буд.

Арташеси II, писари калонии ҳокими Арманистон – Артабози II буда, пас аз ба асорат афтодани падараш ба римиён дар с. 34 то м. бо даъвати фиребкоронаи Антиох ва Клеопатра ба Александрия рафт ва дар он ҷо ба ҳабс гирифта шуд. А. аз асорат гурехта, бо ёрии Ашкониён ба тахти подшоҳӣ нишаст. Пас аз забти Арманистон аз ҷониби римиён А. ба дарбори подшоҳи Ашкониён Фарҳод паноҳ ёфт. Антиох писари хурдсоли худ Александрро подшоҳи Арманистон, Мод ва Порт эълон кард. Пас аз муддате Мод ва Арманистон ба тавассути подшоҳи Ашкониён Фарҳоди IV аз дасти римиҳо озод шуд ва А. дубора ба тахти подшоҳӣ нишаст. Чун норозигии мардуми Арманистон аз А. ба авҷи аъло расид, с. 20 то м. аз императори Рим тақозо карданд, то баробари А. Тигранро, ки дар асорати римиҳо буд, ба ҷойи А. ба салтанати Арманистон баргузинад. Императори Рим Тигранро бо сипоҳе ба ҷониби Арманистон равон кард, аммо то Арманистон расидани онҳо А. бо дасти наздиконаш кушта шуд.


Арташеси III, писари шоҳ Пантос Полмуси I. Номи аслии ӯ Зинун. Пас аз Тигран с-ҳои 18 – 25 м. бо номи Арташеси III дар Арманистон ҳукм рондааст. *Қ. Расулиён.*

АРТЕ́К, маркази байналмилалии бачагона, шифохонаи иқлимӣ дар Қрим (Украина). Дар соҳили Баҳри Сиёҳ, дар доманаи кӯҳи Аю-Даг, 12 км дуртар аз ш. Ялта воқеъ аст. Солҳои 1925 – 91 қароргоҳи умумииттифоқии пионерӣ буд. Дар А. бачагони 9 – 15-сола аз кишварҳои гуногун истироҳат мекунанд. 10 қароргоҳ («Горный», «Лазурный», «Морской» ва ғ.)-ро муттаҳид менамояд. Дар А. барои истироҳат, машғулиятҳои эҷодӣ ва варзишӣ пляжҳои мучаҳҳази бачагона, маҷмааи варзишӣ, майдонҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиновариӣ, кортҳои теннис, майдончаҳо барои бозиҳои гуногун, интернет-қаҳвахона, музейу намоишгоҳҳо, яхта-клуб ҳо, маркази матбуоти бачагона, студияҳои телевизион, кино ва суратгирӣ, маҳфилҳо, маҷмааи тиббӣ мавҷуданд. Шифохонаҳои А. ҳучраву лабораторияҳои табобатию ташхисӣ, табобати шуоӣ доранд. Воситаҳои асосии табобат: терапияи табиат, оббозӣ, тарбияи ҷисмонӣ, туризм ва ғ. Дар А. фестивалҳои байналмилалӣ оид ба санъат ва эҷодиёти бачагон, вохӯриҳо бо нависандагон, ходимони илм, фарҳанг, инчунин сайёҳат ва роҳпаймоиҳои туристӣ баргузор мешаванд.



Артек. Яке аз биноҳои истиқоматӣ.

АРТЕМИ́ДА, дар асотири Юнон олиҳаи шикор, фармонфармои ҷаҳони ҳайвоноту наботот, духтари Зевс ва Лето, хоҳари тавъами (аз як батн) *Аполлон*. Аз хурдсолӣ шикорро дӯст медошт ва дар иҳотаи париён (нимфаҳо) дар бешазорон ва кӯҳу пуштаҳо шикор мекард. Камонвари мумтоз буд. Шахсонеро, ки тартибу



Артемида.

низоми муайяншударо риоя намекарданд ва ё нисбат ба ӯ беҳурматӣ зоҳир менамуданд, бераҳмона ҷазо медод. Мас., сайёди ҷавон Актеон ҳангоми оббозӣ кардани А. ба бадани урёни ӯ нигарист. А. вайро ба оҳу мубаддал кард ва ба пеши сагон партофт. Сагҳо ӯро пора-пора карда хӯрданд. Барои аҳди бо Зевс бастаашро вайрон кардани Каллисто ӯро ба гуноҳ табдил дод. Орионро барои бо вай дар тирандозӣ мусобиқа карданаш ба қатл расонд. Ниоба дар пеши худоён серфарзанд будани худро ситоиш кард. А. Ниоба ва 12 фарзандашро нобуд кард. Ба қаҳру ғазаб ва хашми А. инчунин худоёну паҳлавонон Мелеагр, Агаменон, Геракл, Адмент, Буфага ва дигарон гирифтор шуданд.

А. дар асотир чун олиҳаи хирс, дӯстдори қурбонӣ тасвир шудааст. Вай гӯё аввал ба шакли хирс ба дунё омад, сипас сурати одамиро гирифт. Дар ҷашнҳову ситоишҳои А. мардум пӯсти хирс пӯшида мебаромаданд, то андаке хун баромадан гардани мардонро мебуриданд (қурбонӣ мекарданд). А. инчунин олиҳаи ҳосили киштзорон, нигаҳдорандаи наботот мебошад. Вай ба занони ҳомиладор вақти зоиш кӯмак мерасонад. Аз ин ҷиҳат А. ба олиҳаи юнонӣ Илифӣ ва олиҳаи ориёӣ *Аредвисура Аноҳита* монанд аст. А. дар ишқ ба маҳбубаш Эндимион ном шуд ва то охири умр бокира монд. Шахсони тӯйшавандаро бад медид, аз ин рӯ тӯйшавандаҳо барои паст кардани ғазабаш ба ӯ қурбонӣ меоварданд. Дар баъзе му-

ҷассамаҳо А. дар даст машъал дорад. Аз ин ҷост, ки вай ба олиҳаи рӯшноӣ – олиҳаи Моҳтоб – Селена ҳаммонанд гардидааст. Дар Юнон маъбадҳои бисёри А. вуҷуд доштанд. Маъбади машҳури А. дар Осиёи Хурд ҷой гирифта буд. Сохтмони маъбади нахустини А. 120 сол давом кард. Онро Герострат барои сабт гардидани номаш дар саҳифаҳои таърих с. 356 то м. оташ зад. Пас аз тармим ин маъбад яке аз *ҳафт мӯъҷизаи олам* ба шумор мерафт. Дар асотири Рими Қадим А. ба олиҳа Диана монанд аст.

Ад.: Саъдуллоҳи Наим, Қомуси асотир ва ишороти фарҳангӣ, Д., 2006. *М. Диловаров.*

АРТЕРИЙТҲО, илтиҳоби девораҳои шараён. А. шадид ва музмин мешаванд. А.-и шадид ҳангоми бемориҳои сироятии вазнин (домана, ҳасба, уфунат, грипп ва ғ.) дучор мешавад. Дар натиҷаи А. торҳои деворои шараён осеб меёбанд. Бисёр вақт ба иллати мазкур суддаҳои назди деворавӣ низ ҳамроҳ мегарданд. Хусусан А.-и мадданок, ки боиси маҳв ва аз фасод об шудани девораҳои шараён мегарданд, хатарнок аст. А.-и музмин, одатан, ҳангоми бемориҳои сил, *актиномикоз, сифилис,* захми меъда ва ғ. ба мушоҳида мерасанд.

АРТЕ́РИЯ (аз юн. aertereo – нигоҳ доштан), шараён, сурхраг, рагҳое, ки аз дил сар шуда, хунро ба ҳамаи узву бофтаҳо мебаранд. Системаи артериявӣ аз А.-и шуш, аорта ва рагчаҳои хурдтарини хунгард (артериолаҳо) иборат аст. Рагчаҳои А. ба ҳам пайваст шуда, анастомозҳо (рагҳое, ки ҳангоми дар А.-и асосӣ қатъ гардидани ҳаракати хун узвҳоро аз хун таъмин менамоянд)-ро ҳосил мекунанд. Рагҳое, ки анастомоз надоранд, рагҳои интиҳоӣ номида мешаванд. А. найчаи хеле чандир буда, девораҳои он се қабат дорад: қабати беруна (адвентитсия), ки онро бофтаи пайвандӣ мепӯшонад; қабати миёна (медиа), ки аз торҳои мушаки суфта ва бофтаи чандир таркиб ёфтааст; қабати дарунӣ (интима), ки аз ҳуҷайраҳои эпителиявии дар қабати пайвандӣ хобида ҳосил шудааст. Бинобар чандир буданаш девораҳои А. ба фишори сахте, ки аз кашиш хӯрдани дил пайдо мешавад, тоб меоварад. Ҳангоми ламс кардани банди даст заработи (таппиш) А.-ро метавон эҳсос намуд, ки онро *набз* меноманд. Бемориҳои А.: *Аневризма, Аортит, Атеросклероз, Коронарит, Коронаросклероз, Эндартериит.*

АРТЁМОВ Эдуард Николаевич (тав. 30. 11. 1937, Новосибирск), бастакори рус, Артисти халқии Федератсияи Россия (1999). Хатмкардаи Консерваторияи Москва. Дар Москва зиндагӣ ва кор мекунад. Барои донишҷӯёни бахши композитории Консерваторияи Москва дарс медиҳад. Бештар бо навиштани мусиқӣ ва суруд барои кинофилмҳо машҳур аст. Барои филмҳои А. Тарковский, Н. Михалков, А. Канчаловский ва дигарон суруду мусиқӣ ҷод кардааст. Барои филмҳои зерини истеҳсоли «Тоҷикфилм» мусиқӣ ва суруд навиштааст: «Вохӯрӣ дар назди масҷиди кӯҳна» (реж. С. Ҳомидов, 1968), «Асрори зиндони Павиак» (реж. С. Ҳомидов, 1970), «Асрори гузаргоҳи фаромӯшшуда» (реж. С. Ҳомидов, 1973), «Ҳафт домоди дуздидашуда» (реж. С. Ҳомидов, 1977), «Ҷондор» (реж. А. Ҳамроев, 1979), «Муҳаббати ман – инқилоб» (реж .О. Тулаев, 1981), «Дастгиркунӣ» (реж. М. Маҳмудов, 1982), «Марди роҳ» (реж. Д. Худоназаров, 1984). А. дар мусиқиаш бештар имкониятҳои электрониро истифода мекунад. Дар баррасии консепсияи умумии филм мелоси (оҳанг) миллӣ ва суннатҳои мусиқии тоҷикиро ба назар гирифта, тибқи талаботи таззоди драматургии филм дар колбади мусиқии симфонии полифонӣ баррасӣ менамояд.

С. Раҳимов.

АРТИ́КЛ (франс. article; аз лот. articulus – ҷузъ, узв), калима ё ҳиссаи ёридиҳандае, ки бо исм омада, категорияҳои грамматикии муайянию номуайянӣ, ҷинсият, шумора ва маъноҳои гуногунро ифода мекунад. Ду навъ аст: препозитивӣ (пеш аз калима оянда) ва постпозитивӣ (пас аз калима оянда). А.-и препозитивӣ (дар забонҳои англисӣ, арабӣ, немисӣ, франсавӣ ва ғ.) пеш аз исм ва А.-и постпозитивӣ (дар забонҳои руминӣ, булғорӣ, албанӣ, забонҳои скандинавӣ ва ғ.) баъди исм меояд. А. дар баъзе забонҳо (англисӣ– А-ҳои асосаш *a, an, the* мебошанд) тағйир наёфта, дар забонҳои дигар (романӣ, немисӣ) мувофиқи ҷинсу шумора ва падежҳо (дастурҳо; немисӣ) тасриф мешавад. А. дар ҳамаи забонҳои германӣ, романӣ, сомӣ, юнонӣ, венгерӣ ва ғ. мавҷуд аст. Дар забони тоҷикӣ пасванди (суффикси) номуайянии -е (йо-и ваҳдат)-ро баъзе забоншиносон А. номидаанд. *Ш. Кабиров.*

АРТИКУЛЯ́ТСИЯ (лот. articulatio – аз articulo – ба ҷузъҳо ҷудо кардан), услуби иҷрои пайиҳами як қатор овозҳо дар сози мусиқӣ ё санъати сароянда гӣ. Намудҳои асосии А: легато ва стаккато. Намудҳои дигари А.-ро аз рӯи дараҷа ва хусусияти ифода (мас., поп legato – ҷудо-ҷудо, вале на он қадар канда-канда, иҷро кардан, legatissimo – бо ҳамдигар пайваст ва ғ.) муайян мекунанд. Инчунин портаменто (аз як овоз лағжида ба овози дигар гузаштан) ва *глисандо* мавҷуданд. А. аз ҷиҳати техникӣ бештар ба усулҳои ҳаракати дастон (китф, панҷа), зарб (ё фишор)-и ангуштон ва баргирифтани онҳо, тарзи кор фармудани камон ё мизроб, вале дар овозхонӣ ба воситаи узвҳои нутқ талаффуз намудани ин ё он овоз вобаста аст. А.-и дуруст дар навохтан ва сурудхонӣ аҳамияти калон дорад.

Ш. Ҳабибов.

АРТИКУЛЯ́ТСИЯ (лот. articulatio – аз articulo тақсим мекунам), дар фонетика, кори узвҳои нутқ, ки барои талаффузи ягон овоз (фонема) зарур аст. Барои ин ки А. овозҳои мушахаси нутқро ташкил диҳад, узвҳои артикулятсионӣ бояд чунон ҳолатеро гиранд, ки резонаторҳо шакли даркориро пайдо намоянд. А.-и ҳар як фонема аз се ҳолати пай дар пай иборат аст: а) ҳолати ибтидо (шурӯъ), ки узвҳо аз ҳолати оромӣ баромада барои талаффузи овоз омода мешаванд; б) ҳолати амал, ки узвҳои нутқ ба якдигар бархӯрда ё наздик шуда ва ё ларзида ягон овозро ҳосил мекунанд; в) ҳолати бозгашт (ручӯъ), ки узвҳои нутқ ба ҳолати аввала бармегарданд ва ё ба талаффузи овози дигар мегузаранд. А. гуногун мешавад: даҳонӣ, димоғӣ ва ғ. Вобаста ба заминаи А. овозҳо димоғӣ, лабӣ, ҳалқӣ ва ғ. мешаванд. *Т. Хаскашев.*

АРТИЛЛЕ́РИЯ (фран. artullerie – омода кардан, ҷиҳозондан), 1) навъи қӯшуни хушкигард, ки аслиҳаи асосиаш яроқи оташфишон (калибраш зиёда аз 20 мм) ва реактивӣ мебошад; 2) маҷмӯи навъҳои аслиҳаи артиллериявӣ, аз ҷумла навъҳои яроқи Флоти ҳарбии баҳрӣ ва ҳавоӣ; 3) илми сохт, хосият ва усулҳои истифодаи аслиҳаи артиллериявӣ.

А. чун навъи қӯшуни хушкигард аз иттиҳодия, қисмҳо ва ҷузъу томҳо иборат аст, ки бо тӯпу миномётҳо, дастгоҳҳои реактивӣ ва тирҳои (гулӯлаҳо) зиддитанкии реактивии идорашаванда мусаллаҳанд. А.-и ядроӣ, зенитӣ, заддитанкӣ, кӯҳгард, ракетавию реактивӣ, худгард ва ғ. навъҳои гуногуни А. мебошанд. А. бо воситаҳои разведка, алоқа, нақлиёт ва асбобҳои идоракунии оташи артиллерӣ таъмин буда, барои нобуд кардани воситаҳои оташфишон, тех-



Системаи реактивии оташфишони «Град».



Гаубитсаи худгарди 152 мм «Мста-с», Россия.

никаи ҳарбӣ, ҳайати шахсӣ, иншооти ҳимоятӣ ва дигар объектҳои душман истифода мегардад. А.-е, ки ба ҳайати иттиҳодия, қисмҳо ва ҷузъу томҳо дохил мешавад, А.-и қӯшун (А.-и корпус, А.-и дивизия, А.-и полк, А.-и баталион) ва А.-е, ки ба ҳайати А.-и қӯшун дохил намешавад, А.-и эҳтиётии Сарфармондеҳи Олиро ташкил медиҳад. А.-и Флоти ҳарбии баҳрӣ аз А.-и киштӣ ва А.-и соҳил иборат аст. А.-и киштӣ аз гурӯҳҳо, манораҳо ва батареяҳо иборат буда, дивизиони мустақил ё қисми ракетию артиллерии ҷангии киштиро ташкил медиҳанд. Онҳо, одатан, бо дастгоҳҳои артиллерии ҳамакораи калибрашон 29 – 130 мм мусаллаҳ буда, метавонанд сӯи ҳадафҳои баҳрӣ, соҳилӣ ва ҳавоӣ оташ кушоянд. А.-и соҳилӣ ба ҳайати қӯшунҳои ракетию артиллерии соҳилӣ дохил аст. Метавонад доимӣ (сокин) ва мутаҳаррик (худгард) бошад. Дар Қувваҳои ҳарбии ҳавоии ҳозира асосан А.-и ракетиро истифода мебаранд. А. ба навъҳои А.-и сабук, миёна, вазнин, пуриқтидор ва фавқулиқтидор ҷудо мешавад.

А. ҳамчун маҷмӯи аслиҳаи артиллерӣ ҳамаи навъҳои аслиҳаи оташфишон (*тӯп, гаубитса,* мортира, дастгоҳи худгарди артиллерӣ ва реактивӣ, *миномёт, туфанг, автомат, пулемёт, гранатомёт*), ҳамаи навъҳои лавозимоти ҷангӣ (тир, гулӯла, мина), воситаҳои ҳаракат, асбобҳои идора кардани оташ ва нишонгирӣ, воситаҳои разведка ва ғ.-ро дар бар



Системаи реактивии оташфишони «Смерч».



Тӯпи худгарди 203 мм «Пион», Россия.

мегирад. А. ҳамчун илм масъалаҳои сохту истифодаи аслиҳа ва техникаи артиллерӣ, усулҳои татбиқи онҳо ва назарияи оташфишониро меомӯзад.

А. таърихи чандинасра дорад. Дар мамлакатҳои Шарқи Қадим – Миср, Байнаннаҳрайн, Хитой, Ҳиндустон, Эрон ва ғ. дастгоҳҳои қалъашикан, техникаи оташпарто ва сангпарониро истифода мебурданд. Пайдоиши нахустин аслиҳаи оташфишон дар ох. а. 13 – авв. а. 14 ба арабҳо мансуб аст. Дертар аслиҳаи оташфишон ба Европа гузашт. Солҳои 20 – 40 а. 14 аввалин намунаҳои яроқи оташфишон дар Италия, Франсия, Германия ва Англия пайдо шуданд. Дар сарзамини рус А. аввалин бор с. 1382 ҳангоми муҳофизати Москва ва ҳуҷуми Тӯхтамишхон истифода гардид. Аввалин тӯпҳо аз лӯлаҳои металлии болғакӯб иборат буда, такягоҳи чӯбин доштанд. Ба сифати тир сангпора ва гулӯлаҳои сурбиву оҳанин истифода мешуданд. Асрҳои 14 – 15 дар Европа *рехтагарӣ* пайдо шуд. Минбаъд тӯпҳоро аз мису биринҷӣ мерехтанд. Корҳои рехтагарӣ дар сарзамини рус а-ҳои 15 – 16 ривоҷ ёфт. Дар Москва корхонаи махсуси «Пушечный двор» ба кор даромад. Истифодаи биринҷӣ ба инкишофи тӯпсозӣ роҳ кушод. Техникаи артиллерӣ такмил ёфт, истифодаи А. на танҳо дар муҳофизату муҳосираи шаҳру қалъаҳо, балки дар майдони муҳориба низ имконпазир гашт. Инкишофи минбаъдаи аслиҳаи қӯшунҳо А.-ро аз як навъ аслиҳа ба як навъи қӯшун (дар қатори қӯшуни пиёда ва савора) табдил дод.

Дар а-ҳои 16 – 17 илми артиллерия ба вуҷуд омад, ки он дар Россия махсусан аз нимаи дуюми а. 19 инкишоф ёфт. Дар таърихи А. ихтироъкори боистеъдоди рус В. С. Барановский мақоми хос дорад. То миёнаи а. 19 А. суфтамил буд, аз милаш тир пур карда мешуд, бо гулӯлаҳои курашакл оташфишонӣ мекард. Солҳои 1872 – 77 ӯ аввалин намунаҳои тӯпҳои тезпаронро ихтироъ кард. Пайдоиши А.-и милаш рахпеч ва гулӯлааш дарозрӯя масофаи парвози гулӯларо аз 2 – 4 то 20 – 30 км афзуд, зичии тирпаронӣ ва қудрати гулӯларо баланд кард. Дар давоми Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аслиҳаи артиллерии ҳамаи давлатҳои ҷангкунанда миқдоран зиёд шуда, сифатан беҳтар гардид. Дурзанӣ ва иқтидори тӯпҳо афзуд. Бо оғози истифодаи танку авиатсия зарурати сохтани навъҳои махсуси А. – зиддитанкӣ ва зенитӣ ба миён омад. Дар арафаи ҶБВ (1941 – 45) Армияи Советӣ бо тӯпҳои нави 45 ва 76 мм, тӯп, гаубитса ва тӯп-гаубитсаҳои 122 ва 152 мм, гаубитсаҳои 203 ва 305 мм, мортираҳои 280 мм, миномётҳои 82 ва 120 мм, тӯпҳои зинитии 37, 76 ва 85 мм мусаллаҳ гардид. Танку самолёт ва киштиҳои ҷангӣ низ аслиҳаи артиллерии нав гирифтанд. Солҳои ҶБВ А. яке аз навъҳои асосии қӯшунҳои хушкигард буд ва ба номи «худои ҷанг» сазовор гардид.

Дар а. 20 А. бо роҳи бунёд ва такмили А.-и реактивию ядроӣ инкишоф ёфт. Илми А., ки бо комёбиҳои нави илму техника такя мекунад, солҳои охир хеле пеш рафт. Махсусан А.-и реактивӣ босуръат тараққӣ кард. Тӯпҳои худгарди тезпарони гулӯлаандозашон реактивӣ, идорашаванда ва пошхӯранда пайдо шуданд. Тезпаронӣ ва қобилияти зиреҳшикании А.-и зиддитанкӣ баланд шуд, сохти тӯпу гулӯлаҳо беҳтар гардид. Дар натиҷаи бунёди комплексҳои артиллерӣ аз ҳисоби истифодаи радиолокаторҳо, таҷҳизоти оптикию электронӣ, ҳисобмошинаҳои электронӣ ва ғ. имконияти воситаҳои идоракунии оташ ва таъмини тирпаронӣ васеъ шуд. Бинобар ин, бо вуҷуди пайдо шудани аслиҳаи ракетии идорашаванда, А. дар муборизаҳои мусаллаҳона ҳозир ҳам қувваи асосии зарбазан, воситаи муҳими зиддитанкӣ ба ҳисоб меравад.

Ад.: Латухин А. Н., Современная артиллерия, М., 1970; Хорошилова Г. Т., Барагинский Р. Б., Матвеев А. И. ва диг., Отечественная артиллерия: 600 лет, М., 1986; Прочко И. С., История развития артиллерии с древнейших времен до конца XIX в., Л., 1994.

АРТИ́СТИ ХАЛҚИ́И РСС ТОҶИКИСТО́Н, унвони фахрӣ, ки 28-уми марти 1939 бо Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. таъсис ёфтааст. Унвони мазкур ба актёрону коргардонҳои театру кино, овозхонон, оҳангсозон, мутрибон, дирижёрон, устодони рақс, роҳбарони бадеии дастаи навозандагон, хор ва дигар намояндагони санъат барои маҳорати баланди ҳунарӣ, офаридани образҳои барҷаста, асарҳои баландмазмуни саҳнавию мусиқӣ, намоишномаҳои театрӣ, кинофилмҳо, инчунин барои хидматҳои бузург ҷиҳати инкишоф ва омода сохтани кадрҳои санъати ҷумҳурӣ дода мешуд. Нафарони зерин сазовори ин унвон гардидаанд:

1941: Азимова Азиза (балерина), Бақоева Гулчеҳра (актрисаи театр), Камолов Аъзам (дирижёр, оҳангсоз), Фозилова Тӯҳфа (актрисаи театр), Ғолибова Раъно (Галибова Рена) (сароянда), Тӯйбоева София (актрисаи театру кино), Муллоқандов Авнер (сарояндаи опера), Султонова Тоҷиниссо (актрисаи театр).

1943: Тоҷибоева Башоратхон (актрисаи театр), Зокирова Кароматхон (актрисаи театр), Исков Леонид (коргардон ва актёри театр), Менглет Григорий (актёри театр). Зиёев Мирбобо (актёри театр),

1944: Акимов Николай (коргардон ва рассоми театр), Зарубина Ирина (актриса театру кино), Тенин Борис (актёри театру кино),Ҷӯраев Шариф (сароянда), Валаматзода Ғаффор (устоди рақс), Ланге Вениамин (коргардони театр), Мирополская Агрепина (актрисаи театр), Якушев Сергей (актёри театр).

1946: Бандишоева Савсан (актрисаи театр), Орифова Латофат (раққоса).

1947: Носирова Ашӯра (раққоса).

1949: Зоҳидова Лутфӣ (балерина).

1951: Мавлонова Ҳанифа (сароянда опера), Шквалов Иван (роҳбари оркестри ҳарбӣ).

1955: Ғуломалиев Ғуломҳайдар (мутриб, оҳангсоз).

1957: Бобоқулов Аҳмад (сароянда), Раҳматуллоев Ҳоҷиқул (коргардон ва актёри театр), Дӯстматов Зоҳир (актёри театру кино), Муллоҷонова Шоиста (сароянда), Халилов Муҳаммадҷон (актёри театр), Баласанян Сергей (оҳангсоз).

1960: Волчков Николай (актёри театр), Кимёгаров Борис (коргардони кино), Назаров Одилҷон (дирижёр ва оҳангсоз), Савелева Галина (актрисаи театр), Эркабоев Рустам (коргардон ва актёри театр).

1962: Карамхудоев Бахтулҷамол (актёри театр), Раҳимов Абдусалом (коргардон ва актёри кино).

1963: Мителман Ефим (коргардони театр), Киевский Николай (роҳбари оркестри ҳарбӣ).

1964: Закруткин Михаил (актёри театр), Шаҳидӣ Зиёдулло (оҳангсоз)

1965: Назарова Хайрӣ (актрисаи театр), Тоҷибоев Тоҳир (актёри театр), Усмонова Ойдина (раққоса), Шарифова Лайло (сароянда), Ғаффорова Тутӣ (актрисаи театру кино).

1966: Собиров Тоҳир (актёр ва коргардони кино), Ҷӯраев Шамсӣ (актёри театру кино).

1967: Завқибеков Гурминҷ (актёри театру кино), Исҳоқова Барно (сароянда). Ефименко Клавдия (актрисаи театр), Кабирова Лутфӣ (сарояндаи опера), Қосимов Абулхайр (актёри театру кино),

1968: Толмасов Рафаэл (сарояндаи опера), Чистова Елизавета (актрисаи театр).

1969: Барамиков Иброҳим (кинооператор), Смирнова Олга (актрисаи театр), Собирова Малика (балерина).

1971: Боқиева Муслима (сароянда), Бурҳонов Музаффар (балерун), Исоева Бозгул (балерина), Шоисмоилова Сабзаҷон (актрисаи театр).

1974: Аълоев Аъло (дойранавоз), Абдуллоев Ибодулло (дирижёр), Алифбекова Бегимсултон (актрисаи театр), Аргуновская Евгения (актрисаи театр), Воҳидов Маҳмудҷон (актёри театру кино), Иброҳимова Мӯътабар (актрисаи театр), Муродов Ҷӯрабек (сароянда), Нозимов Зафар (сароянда).

1976: Калонтарова Мазол (Қаландарова Малика) (раққоса).

1977: Барботко Владимир (актёри театру кино), Ерошенко Алексей (актёри театр), Каюков Николай (актёри театр), Қосимов Карим (сароянда), Раҳматова Нукра (сароянда).

1978: Мирҷумъаева Гавҳар (раққоса), Ҳамдамов Амон (дирижёр ва оҳансоз), Шоулов Нисон (найнавоз).

1979: Гадоев Ҳошим (актёри театру кино), Исоева Марям (актрисаи театр), Юсуфов Пирназар (артисти сирк).

1980: Аминзода Зебо (раққоса), Набиев Ҷӯрабек (сароянда).

1981: Муҳаммадҷонов Ато (актёри театру кино), Орифов Орифшо (сароянда, роҳбари ансабли «Гулшан»).

1983: Тарсинова Рамзия (Баккал) (раққоса).

1985: Дилдорова Майсара (сароянда).

1986: Исоева Сайрам (актрисаи театру кино), Маликов Музаффаршо (актёри театр).

1987: Абдураззоқов Ҳабибулло (актёри театру кино).

1988: Каримов Владимир (сароянда опера), Холов Давлат (сароянда).

1989: Худоназаров Давлат (коргардон ва оператори кино), Наматиев Борис (актёри театр, сароянда), Эргашева Мастона (сароянда),

Соли 1990 ба ҷойи А. унвони *Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон* ҷорӣ карда шуд. *Ё. Назармамадов.*

АРТИ́СТИ ХАЛҚИ́И СССР, унвони фахрӣ, ки 6 сент. 1936 бо Укази Комитети Иҷроияи Марказии СССР таъсис ёфтааст. Унвони мазкур ба барҷастатарин ходимони санъати халқҳои СССР, фаъолтарин намояндагони театр, мусиқӣ ва кинои шӯравӣ дода мешуд. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ (соли 1991) унвон аз байн рафт. Нафарони зерин аз Тоҷикистон ба ин унвони фахрӣ мушарраф гардидаанд:

1941: Қосимов Муҳаммадҷон (актёри театру кино).

1951: Ашрафӣ Мухтор (дирижёр ва оҳангсоз).

1957: Ғуломалиев Ғуломҳайдар (оҳангсоз, мутриб), Зоҳидова Лутфӣ (балерина), Фозилова Тӯҳфа (актрисаи театр).

1959: Ёрматов Комил (коргардони кино).

1965: Бурҳонов Аслӣ (актёри театру кино).

1968: Мавлонова Ҳанифа (сарояндаи опера).

1971: Бобоқулов Аҳмад (сароянда).

1974: Волчков Николай (актёри театр), Собирова Малика (балерина).

1976: Валаматзода Ғаффор (устоди рақс).

1977: Кабирова Лутфӣ (сарояндаи опера).

1979: Муродов Ҷӯрабек (сароянда).

1984: Калонтарова Мазол (Қаландарова Малика) (раққоса).

1986: Аминзода Зебо (раққоса).

1988: Гадоев Ҳошим (актери театру кино). *Ё. Назармамадов.*

АРТИ́СТИ ХИЗМАТНИШОНДОДА́И РСС ТОҶИКИСТО́Н, унвони фахрии кормандони санъат ва маданият, ки бо Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. 28-уми марти 1939 таъсис ёфтааст. Мувофиқи низомнома ин унвон ба артистон, актёру коргардонҳои театру кино, дирижёрон, оҳангсозону мутрибон, кормандони эҷодии сирк ва намояндагони дигар бахшҳои фарҳанг, ки бо

маҳорати баланд ва фаъолияти пурсамари эҷодиашон ба рушди санъати ҷумҳурӣ мусоидат намудаанд, эҳдо мегардид. Нафарони зерин сазовори ин унвон шудаанд:

1939: Азимова Азиза (балерина), Бақоева Гулчеҳра (актрисаи театр), Беляев Павел (актёри театр), Волина Маргарита (актрисаи театр), Бурҳонов Аслӣ (актёри театру кино), Зиёев Оқил (актёри театр), Ғолибова Раъно (Рена Галибова) (сароянда), Исҳоқова Абигай (балерина), Қосимов Муҳаммадҷон (актёри театру кино), Исматов Файзулло (актёри театр), Менглет Григорий (актёри театр), Мирополская Агрепина (актрисаи театр), Муллоқандов Авнер (сароянда опера), Саидов Абдураҳмон (актёри театр), Саидов Миркарим (актёр ва коргардони театр), Тӯйбоева София (актрисаи театру кино), Степанова Галина (актрисаи театр), Фозилова Тӯҳфа (актрисаи театр), Халилов Муҳаммадҷон (актёри театр), Тӯраев Бурҳон (сарояндаи опера). Якушев Сергей (актёри театр).

1941: Арслонова Розия (актрисаи театр, сароянда), Аҳмадов Ҳоҷӣ (сарояндаи опера), Бобоева Анна (сарояндаи опера), Бандишоева Савсан (актрисаи театр), Валаматзода Ғаффор (устоди рақс), Зиёев Мирбобо (актёри театр), Исомова Офтобхон (сарояндаи опера, раққоса), Орифова Латофат (раққоса), Розиқов Мардон (актёри театр), Тоҳиров Ҳалим (балерун), Ғиёсов Муин (актёри театр), Ҷӯраев Шариф (сароянда).

1942: Зокирова Карорматхон (актрисаи театр), Искандаров Ҷӯрахон (сароянда), Султонова Тоҷиниссо (актрисаи театр), Тоҷибоева Башоратхон (актрисаи театр), Ширшов Александр (актёри театр).

1943: Аюбҷонов Зокирҷон (актёри театр), Тоҷибоев Тоҳир (актёри театр), Дӯстматов Зоҳир (актёри театру кино), Мавлонова Ҳанифа (сарояндаи опера), Сиддиқова Шаҳодат (актрисаи театр), Хромченко Александр (актёри театр).

1944: Аленников Порфирий (актёри театр), Гуретская Кира (актрисаи театр), Летский Жозеф (актёри театр), Песков Леонид (актёри театр), Колесов Лев (актёри театр), Сукова Татяна (актрисаи театр), Суханов Павел (коргардони театр), Сухаревская Лидия (актрисаи театр), Флоринский Глеб (актёри театр), Ханзел Иосиф (коргардон ва актёри театр), Шаҳобов Фазлиддин (сароянда, мутриб).

1945: Абдуллоев Аҳмадулло (сароянда), Баҳодуров Маъруфхӯҷа (сароянда), Бобиева Тӯйдӣ (актрисаи театр), Деменев Виктор (актёри театр), Вализода Саидалӣ (сароянда, шоир), Исохонов Муҳиддин (актёр ва коргардони театр), Забазний Андрей (сарояндаи опера), Гришин Иван (актёри театр), Леппик-Мировский Николай (актёри театр), Муллочонова Шоиста (сароянда), Назаров Ҳошим (мутриб), Носирова Ашӯра (раққоса), Привалова Зоя (сарояндаи опера), Раҳматуллоев Ҳоҷиқул (актёр ва коргардони театр), Раҳимов Абдусалом (актёр ва коргардони кино), Солюс Олег (актёри театр), Смирнов Виталий (коргардони театр), Қиёмов Шамсӣ (коргардони театр, драматург), Шаҳидӣ Зиёдулло (композитор).

1946: Исҳоқбоев Юно (сарояндаи опера), Ғуломалиев Ғуломҳайдар (мутриб ва оҳангсоз), Карамхудоев Бахтулҷамол (актёри театр), Куинова Фотима (сароянда), Назаров Мехрубон (актёри театр), Муллоқандов Залмон (сарояндаи опера), Русакова Валентина (актрисаи театр), Фала Евгений (коргардони оркестри ҳарбӣ), Хоҷаев Алиназар (актёри театр).

1947: Ғиёсов Наим (актёри театр), Қобилов Муҳаммад (раққос), Сталешников Фёдор (актёри театр).

1952: Маҳкамов Кимсан (устоди рақс, дойранавоз).

1953: Бочавер Леонид (актёр ва коргардони театр), Весневский-Адрусский Николай (сарояндаи опера), Волчков Николай (актёри театр), Ғаффорова Тӯтӣ (актрисаи театру кино), Савелева Галина (актрисаи театр).

1954: Бобоқулов Аҳмад (сарояндаи опера).

1955: Аҳмадова Барно (раққоса), Полякова Алевтина (балерина). Азимов Наимҷон (дирижёр, мутриб), Исҳоқова Барно (сароянда).

1956: Латифов Лафиф (актёри театр), Муравин Семён (консертмейстер), Мирмуллоев Кенҷа (мутриб), Шатирова Вера (актрисаи театр), Қосимов Абдулхайр (актёри кино), Толмасов Рафаэл (сарояндаи опера), Чистова Екатерина (актрисаи театр), Сулаймонов Аҳад (актёри театр).

1957: Абдуллоев Ибодулло (дирижёр), Абдуллоева Меҳрӣ (раққоса), Алифбекова Бегимсултон (актрисаи театр), Герр Александр (актёри театр), Железнова Анна (актрисаи театр), Каримова Шараф (раққоса), Кабирова Лутфӣ (сарояндаи опера), Назарова Хайрӣ (актрисаи театр), Киевский Николай (роҳбари оркестри ҳарбӣ), Кормилин Владимир (актёри театр), Мамонтов Владимир (актёри театр), Ноздрин Евгений (актёри театр), Парамонова Евгения (балерина), Парпиев Аҳмадҷон (актёри театр), Рейнбах Василий (коргардони театр), Савелева Ирина (актрисаи театр), Герасимов Анатолий (роҳбари оркестри ҳарбӣ), Ҳомидов Барака (раққос), Хоҷаев Сангалӣ (раққос), Айрапетянс Эдуард (дирижёр).

1958: Аҳроров Мухтор (дойранавоз), Холматов Солеҳ (актёр ва коргардони театр), Иброҳимова Мӯътабар (актрисаи театр).

1960: Боқиева Муслима (сароянда), Добров Иван (арбоби фарҳангӣ), Завқибеков Гурминҷ (актёри театру кино), Баккал Рамзия (раққоса), Каримов Саъдулло (актёри театр), Отамов Маҳмадназар (мутриб), Раҳимова Зулайхо (раққоса), Сайдуллоева Фариза (сароянда), Табарова Иқбол (раққоса), Смирнова Олга (актрисаи театр), Қосимова Дилбар (актрисаи кино), Умарова Иноят (актрисаи театр), Орифов Марат (актёри кино), Шарифова Лайло (сароянда).

1961: Корнеев Леонид (актёр ва рассоми театр).

1962: Рогулина Евгения (актрисаи театр), Собиров Тоҳир (актёр ва коргардони кино), Шоисмоилова Сабзаҷон (актрисаи театр).

1963: Аверянов Сергей (актёри театр), Иванов Георгий (актёри театр), Ефименко Клавдия (актрисаи театр), Мамадазизов Мирзоазиз (актёр ва коргардони театр), Муллоқандов Хайко (мутриб), Лелеко Иван (роҳбари оркестри ҳарбӣ), Раҳмонқулов Алиризо (арбоби фарҳангӣ), Тошмуҳаммадов Феликс (коргардони театр, драматург), Қосимов Ҳоҷиумар (мутриб), Хоҷаев Фатҳулло (мутриб), Хоҷаева Хосият (актрисаи театри халқӣ), Шабанова Екатерина (актрисаи театр).

1964 Абдурауфов Абдулло (сароянда), Бободӯстов Ёқуб (мутриб), Каримова Зӯҳро (раққоса), Нозимов Зафар (сароянда), Динкин Олег (актёри театр), Массич Геннадий (роҳбари оркестри ҳарбӣ).

1965: Аргуновская Евгения (актрисаи театр), Абдураззоқов Ҳабибулло (актёри театру кино), Бал Клавдия (актрисаи театр), Бақоева Санавбар (актрисаи театр), Бурҳонов Музаффар (балерун), Исоева Бозгул (балерина), Карасева Нелли (сарояндаи опера), Каюков Николай (ак-

тёри театр), Муравин Михаил (композитор), Муҳаммадалиева Фарида (раққоса), Маминов Михаил (актёри театр), Насибулина Ҳалима (актрисаи театр, коргардони радио), Ниёзов Боймуҳаммад (сароянда), Собирова Малика (балерина), Маликов Мусофиршо (актёри театр), Солиев Фозил (композитор), Самандаров Мухтор (актёри театр), Фозилова Назира (актрисаи театр), Шамсиддинова Мукаррама (актрисаи театр), Харкевич Владимир (актёри театр), Фоменко Игор (роҳбари мусиқӣ), Ҷӯраев Анвар (коргардони телевизион).

1966: Пӯлодов Шер (актёри театр).

1967: Аълоев Михаил (дойранавоз), Забиякин Евгений (актёри театр), Мирҷумъаева Гавҳар (раққоса), Муродов Ҷӯрабек (сароянда).

1968: Азаматова Сталина (балет). Захарова Зоя (сарояндаи опера), Ғолибов Яъқуб (сарояндаи опера), Қосимов Карим (сароянда), Павленко Николай (актёри театр).

1969: Барботко Владимир (актёри театр), Каримов Нормат (мутриб), Фармонов Солеҳ (актёри театр), Ҳабибов Бақоҷон (мутриб), Шоулов Нисон (найнавоз).

1970: Абдушукурова Тамара (актрисаи театр), Волхова Антонина (актрисаи театр), Гадоев Ҳошим (актёри театру кино), Исоева Марям (актрисаи театр), Иброҳимова Тӯхта (сароянда), Наматиев Борис (актёри театр), Саидаҳмадов Ҳайдар (актёри театр), Шоҳимардонов Ҳаким (актёри театр), Ҳимматшоев Қиматшо (актёри театру кино).

1971: Исоева Сайрам (актрисаи театру кино), Маҳмадаминов Мирзо (актёри театр), Набиев Ҷӯрабек (сароянда).

1972: Беҳбудӣ Сарват (артисти сирк), Барон Даниэл (коргардони сирк), Вансих Владимир (коргардони сирк).

1973: Азаматов Рауф (дойранавоз), Бобоев Мухтор (мутриб), Дилдорова Майсара (сароянда), Комлякова Лилия (сарояндаи опера), Калонтарова Мазол (Қаландарова Малика) (раққоса), Рашидова Шарофат (раққоса), Соловей Юрий (актёри театр), Эркаева Ҳалима (раққоса).

1974: Воробев Григорий (актёри театр), Ерошенко Алексей (актёри театр), Зорина Галина (сарояндаи опера). Бурҳонов Револд (сарояндаи опера), Камолова Мукаррама (актрисаи театр), Муҳаммадҷонов Ато (актёри театру кино), Машрабов Устоқадам (Усто) (ширинкор), Паллаев Мастибек (Масто) (ширинкор), Орифов Орифшо (сароянда), Ковалёва Галина (актрисаи театр), Нурматов Абдулҳомид (актёр ва коргардони кино), Раҷабов Бурҳон (актёри театр), Салин Михаил (сарояндаи опера), Свешникова Нина (сарояндаи опера), Стругач Галина (актрисаи театр), Сиддиқов Усмон (сароянда), Раҳматова Нуқра (сароянда), Турдиева Шарафбону (балерина), Узоқова Сусана (балерина), Федоровская Селамиф (консертмейстер), Холов Қурбон (балерун), Ҳасанов Носир (актёри театр), Ҳошимов Абдуҷалил (сароянда), Юсупов Пирназар (артисти сирк).

1975: Аълоев Яъқуб (дойранавоз), Аминзода Зебо (раққоса), Асанова Зулфира (раққоса), Давлатов Амирҳайдар (актёри театр), Завқибеков Палла (актёри театр), Маҳмудов Ҳаким (мутриб), Улмасов Турсун (мутриб).

1976: Зуева Нинел (сарояндаи опера).

1977: Блидарева Зоя (сарояндаи опера), Маҳмадқулов Бурҳон (сароянда), Дӯстматов Неъматҷон (актёри театр), Набиева Муқаддас (сароянда), Сабзалиева Оят (сарояндаи опера), Қурбоналиев Сарафроз (актёри театр), Харламбов Юрий (актёри театр), Ҳамдамов Ӯрунбек (сароянда).

1978: Аминов Авнер (мутриб), Алиева Назриой (актрисаи сирк), Исҳоқбоева Меҳрӣ (сароянда), Муҳиддинов Музаффар (сароянда), Муҳиддинов Тоҷиддин (сароянда), Солиев Алиҷон (сароянда), Турдиев Абдуҷаббор (артисти сирк).

1979: Абдулазизова (Ҳаётова) Оиша (актрисаи театр), Соловей Галина (актрисаи театр), Тоҳирӣ Маҳмуд (актёри театру кино), Шоҳмансурова Нозукмоҳ (актрисаи театр), Якиметс Иван (сарояндаи опера).

1980: Баротов Анвар (мутриб), Денисов Александр (сарояндаи опера), Каримов Владимир (сарояндаи опера), Логвин Василий (актёри театр), Қосимова Раҳима (Сурайё) (сароянда), Олимов Санъат (арбоби фарҳангӣ), Попов Анатолий (артисти хор), Солиев Мирзоқурбон (ғижакнавоз), Ҳамроқулова Махфират (сароянда), Эргашева Мастона (сароянда).

1981: Чернишук Алексей (актёри театр), Ҷабборов Қаҳҳор (артисти хор), Шалоэр Раҳима (сароянда), Эшонхоҷаев Воҳид (балерун).

1982: Гулкоров Исҳоқ (мутриб ва сароянда), Корнилов Александр (актёри театр), Қодиров Амонулло (актёри театр), Қосимова Раҷабгул (актрисаи театр), Ҳамробоев Низом (сарояндаи опера).

1983: Азизов Бобоҷон (сароянда), Бандишоев Ҳукуматшо (мутриб ва оҳангсоз), Холова Татяна (балерина), Холов Давлатманд (сароянда).

1984: Акрамов Акрам (дирижёр), Алиматов Даврон (актёри театр, сароянда), Абдуллоева Гулсара (актрисаи театру кино), Неъматов Абдураҳим (ширинкор), Солеҳов Шодӣ (актёри театр ва кино).

1985: Собирова Галина (балерина). Тошхӯҷаева Сафарбегим (сароянда),

1986: Қосимов Фаррух (коргардони театр), Раҳмонов Қурбоналӣ (сароянда), Таваллоев Маҳмадато (мутриб).

1987: Валаматзода Дилбар (арғунуннавоз), Розиқов Тағоймурод (актёри театру кино), Муллоҷонова Роза (сарояндаи опера), Файзалиева Саида (раққоса), Генис Симхо (актёри театр), Вершковский Олег (актёри театр), Шамгунова Светлана (актрисаи театр), Обидова Мавлуда (актрисаи театр), Ширинова Хурмо (сароянда), Холиқов Адҳам (сарояндаи опера), Дурмишев Сергей (скрипканавоз), Краснухина Галина (актрисаи театр), Ҳасанов Бобоҷон (актёри театр), Маҳмадҷонова Истад (сароянда).

1988: Абдурасулов Муҳаммадҷон (раққос), Бурҳонов Каримҷон (мутриб), Зиёев Умар (сароянда). Маликова Бибимоҳ (актрисаи театр), Раҷабов Убайдулло (актёри театру кино), Рӯзиматов Фаррух (балерун), Табарова Амина (актрисаи театр), Ҳоҷибоева Меҳриниссо (актрисаи театр), Ямилов Владимир (актёри театр), Яъқубов Раҳимҷон (артисти сирк), Камолов Ислом (мутриб).

1989: Бобоев Толибҷон (актёри театр), Ботуров Рустамбек (сароянда), Исмоилов Ҷамшед (сароянда), Маҳмадов Муҳаммадалӣ (актёри кино), Меҳробов Беҳрон (дирижёр), Мирашӯров Абдуқодир (сароянда), Мӯҳтарамова Озодамоҳ (сароянда), Насриддинов Муродбек (сароянда), Сафаралиева Гуландом (актрисаи театр), Сироҷов Ҷумъахон (актёри театр), Ҷумъаев Муборакшо (оҳангсоз, мутриб), Яъқубов Қурбоналӣ (найнавоз).

Соли 1990 ба ҷойи А. унвони *Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон* ҷорӣ карда шуд. *Ё. Назармамадов.*

АРТӢШ, чамъи қуввахои мусаллахи давлатӣ; қисми қуввахои мусаллах (бе ҚҲБ); танҳо қӯшунҳои хуш-

кигард; иттиҳодияҳои фаврӣ (А.-ҳои умумиқӯшунӣ, танкӣ, ҳавоӣ ва ғ.); ташкилоти мусаллаҳи халққо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки барои озодӣ ё гирифтани ҳокимият мубориза мебаранд (А.-иозодихоҳ, А.-ишӯришгарон ва ғ.). А. ҳамчун мақомоти давлатӣ барои ҷорӣ кардани сиёсати он як қатор сифат ва хусусиятҳоро дорост: онро давлат ташкил ва таъмин мекунад; воситаи асосии ҳимояи мусаллаҳона ва бурдани ҷанг аст; аз одамони мусаллаҳ ва касбии барои муборизаи мусаллаҳона тайёр иборат мебошад; барои ин амал аслиҳаи мувофиқ, техникаи ҳарбӣ ва таъминоти ақибгоҳӣ дорад. А. бо соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъият алоқамандии зич дошта, ҷузъи махсуси он мебошад, лекин қонуниятҳои дохилии инкишоф ва мавҷудияти худро дорост. А. ҳамчун иттиҳодияи фаврӣ бори аввал дар Россия с. 1812, Германия с. 1866 ва Франсия с. 1870 ба вуҷуд омада буд. А. дар давраи инкишофаш як қатор марҳилаҳоро тай намудааст, ки бо пайдоиши аслиҳа (оташфишон, ракетиву ядроӣ ва ғ.) ва техникаи нав (танкҳо, самолётҳо, киштиҳои зериобӣ ва ғ.), такомули сохтори қӯшун (пайдоиши артиллерия, флоти ҳарбию баҳрӣ, авиатсия ва ғ.), ташкилу такмили онҳо (пайдоиши А.-и доимӣ, кадрӣ, оммавӣ бо усулҳои мухталифи такмилдиҳӣ) ва ғ. вобаста аст. А.-ҳо умумиқӯшунӣ (пиёдагард), танкӣ (механиконида), ҳавоӣ (авиатсионӣ), десанти ҳавоӣ ва мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ мешаванд. Таркиби А. доимӣ набуда, ба хусусияти ҷанг ва тарзи амали он, вазифаи фаврӣ ва намуди А., инчунин ба хусусиятҳои майдони амалиёти муҳориба вобаста аст. А., одатан, ба ҳайати ҷабҳа (фронт) дохил мешавад ё худ метавонад дар баъзе самти амалиёт зери итоати Сарфармондеҳи олӣ мустақилона амал кунад. Аз ибт. а. 20 мафҳуми «А.» тадриҷан ба истилоҳи «Қувваҳои мусаллаҳ» иваз шуд.

АРТИ́ШИ МИЛЛИ́И ТОҶИКИСТО́Н, ҷамъи қувваҳои мусаллаҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади ҳимояи кишвар ташкил карда шудааст. А. 23 февр. 1993 бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи «Фронти халқӣ» ва гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки ҳукумати конститутсиониро тарафдорӣ мекарданд, таъсис ёфтааст. Дар марҳалаи аввал ҳадафи асосии таъсиси А. ташаккули нерӯи ҳарбие буд, ки ба ҳифзи музаффариятҳои истиқлолият қодир бошад, озодии шаҳрвандон ва мухторияту амнияти кишварро таъмин намояд. Вобаста ба таъйиноти мазкур гурӯҳҳои муташаккилу зудамал ташкил карда шуданд, ки вазифаи асосиашон муқовимат бо қувваҳои зиддиҳукуматӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ буд. Соли 1994 ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа қариб тамоми ҳудуди ҷумҳуриро таҳти назорат гирифтанд. Солҳои 1994 – 96 марҳалаи дуюми ташаккули сифатан нави А. оғоз ёфт. Ба тайёр намудани афсарони касбӣ дар Коллеҷи ҳарбии Тоҷикистон (ҳоз. Донишкадаи ҳарбӣ) ва муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия ибтидо гузошта шуд, низомномаву оинномаҳо ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқӣ таҳия гардиданд. Дар ин давра дар А. Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил карда шуданд. Ба таъсиси Қӯшуни таъйиноти махсус аҳамияти хоса дода шуд. Баъди имзои Созишномаи сулҳу истиқрори миллӣ байни ҳукумати конститутсионӣ ва роҳбарияти мухолифин (1997) марҳалаи сеюми (охирини) таъсиси А. оғоз гардид. Дар ин марҳала бо ёрии бевоситаи дастгоҳи машваратчиёни Федератсияи Россия дар А. намудҳои нави қӯшун таъсис дода, усулҳои самарабахши идоракунӣ, омодагии ҷангӣ ва амалиёти қӯшунҳо ба роҳ монда шуданд. Ҳоло А. аз се намуди қӯшун: Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал иборат аст.Ниг. низ *Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

АРТОБОЛЕ́ВСКИЙ Иван Иванович (9. 10. 1905, Москва – 21. 9. 1977, ҳамон ҷо), олими рус дар соҳаи назарияи мошин ва механизмҳо, узви пайвастаи АИ СССР (1946), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1969). Хатмкардаи Академияи кишоварзии ба номи К. А. Тимирязев (1926) ва фак-ти физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Москва (1927). Аз с. 1927 дар мактабҳои олии Москва дарс мегуфт. Проф. Донишгоҳи давлатии Москва (1932 – 42) ва Донишкадаи авиатсионии Москва (1942). Солҳои 1937 – 77 дар Ин-ти тадқиқоти илмии мошиншиносӣ кор кардааст. А. таснифи механизмҳои фазоиро кор карда, усули таҳлили кинематикаи онҳоро нишон дод. Дар СССР яке аз аввалинҳо шуда оид ба механизмҳои фазоӣ рисола навишт. Усули таҳлили кинематикии механизмҳои мураккаби бисёрзваро кашф кард (1939). Оид ба муаммоҳои усулҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши динамикаи мошинҳои корӣ, мошинҳои автоматӣ, истифодаи роботу манипуляторҳо ва мошинҳои қадамгузор тадқиқот бурда аст. Солҳои 1966 – 77 раиси ҷамъияти умумииттифоқии «Дониш», узви раёсати Шӯрои умумииттифоқии ҷамъиятҳои илмию техникӣ ва Кумитаи миллии СССР оид ба механикаи назариявӣ ва амалӣ, президенти Федератсияи байналхалқӣ оид ба назарияи мошину механизмҳо, ноиб-президенти Федератсияи умумиҷаҳонии ходимони илмӣ буд. Вакили Шӯрои Олии СССР (даъватҳои 7, 8, 9). Аз с. 1974 аъзои Раёсати Шӯрои Олии СССР. А. барандаи Мукофоти ба номи П. Л. Чебышев (1946) мебошад. Бо 5 ордени Ленин ва дигар ордену медалҳои шӯравию хориҷа сарфароз гаштааст.

АРТРИ́Т (аз юн. arthron – банд, буғум, мафсил), газаки банду буғум, бемориест, ки аз илтиҳоби банду буғум сар мешавад. А. оқибати сил, сӯзок, брутселлёз, тиф, исҳоли хунин, ангина ва ғ., ҳамчунин зарбу лати бандҳо ва манбаи сирояти музмини микробҳо (ҳангоми газаки бодомак, дарди гӯши миёна, иллати узвҳои нафас, иллати дандонҳо ва ғ.) аст. Сирояти тӯлонии микробҳои касалиангез дар пайдоиши бемориҳои музмини бандҳо мавқеи муҳим дошта, боиси инкишофи аллергия мегардад. Захролудии тӯлонӣ, хунук хӯрдан, суст шудани қобилияти муҳофизатии организм низ ба пайдоиши А. мусоидат мекунанд.

Дард, варам ва тағйири шакл кардани банд, сурх шудани пӯсти рӯйи банд, беҳолӣ, варача, пасту баланд шудани ҳарорат аломатҳои асосии А. мебошанд. Ҳангоми кӯҳна гаштани беморӣ бандҳо бадшаклу камҳаракат



Аломатҳои артрит дар рон.

мешаванд. Дар сурати сари вақт ва дуруст табобат кардан, ки он истифодаи дорухои пурсамар, варзиши шифоӣ ва масхро фаро мегирад, бемор шифо меёбад. Ба варзиши шифоӣ ва масҳ фавран баъди нест шудани зухури шадиди беморӣ шурӯъ бояд кард. Дар аввал машқхои одиро ичро карда, тадричан онҳоро мураккаб мегардонанд. Ба бемороне, ки гирифтори А.-и музминанду фаъолияти бандхояшон халал ёфтааст, варзиши шифоии (ҳаракати) муттасил зарур мебошад. Маҳлул ва марҳамҳое, ки ба бандҳо мемоланд, чун воситаи мусаккин истифода мешаванд. Барои масҳ фақат дорухои таъйинкардаи духтурро истифода бояд бурд.

Пешгирии А.: сари вақт табобат кардани бемориҳои сироятӣ, мунтазам тоза кардани ҷавфи даҳон, худдорӣ аз оббозӣ дар оби хунук ва ғ. Обутоби организм, тарбияи ҷисмонӣ, беҳтар кардани шароити зиндагию меҳнат низ барои пешгирии А. аҳамияти калон доранд.

Ад.: Кавалерский Г. М., Травматология и ортопедия, М., 2005; Соколова Н. Г., Физиотерапия, Ростов-н/Д., 2006. *У. Расулов.*

АРТРОГРИПО́З (аз юн. arthron – банд ва gryposi – хамида, кач), бемории модарзодии бандҳои дасту по. Дар натичаи атрофияи мушакҳо ва ба бофтаи чарбӣ иваз шудани торҳои мушак ба амал меояд. Ҳангоми А. дастҳо ба бадан ҷафс шуда меистанд; панҷаи даст ва ангуштон мисли чанголи мурғон аст. Пойҳо кач ва аз ҳам дур мебошанд. Кафи пойҳо шакли муқаррарии худро гум мекунад. Бо мақсади табобати А. аз усулҳои ҷарроҳӣ, раддодӣ (ортопедӣ), бандинагузорӣ, варзиши шифоӣ ва ғ. истифода мекунанд. Табобат ҳар қадар бармаҳал оғоз шавад, натичааш ҳамон қадар хубтар аст.

АРТРО́З (аз юн. artrros – буғум), буғумдард, кумол, иллати музмини бандҳо. Ба А. бештар рақкосҳо, операторони компютер, варзишгарон ва ғ. бинобар ихтилоли фаъолияти ғадудҳои усораи дохилӣ, дар натичаи зарбулати бандҳо, барзиёдии вазн, аз сабаби ихтилоли равандҳои мубодила дар организм, инчунин ҳангоми кори бисёру доимии ҷисмонӣ гирифтор мешаванд. Пӯшидани пойафзори танг низ боиси А.-и бандҳои кафи по мегардад. Ҳам бандҳои калон (зону, кос, соқу кафи по, оринч) ва ҳам бандҳои хурд, аз ҷумла бандҳои сутунмӯҳра (спондилоартроз), осеб меёбанд. Ҳангоми А. тағояке, ки сатҳи банди устухонҳоро фаро гирифтааст, тадричан вайрону тунук шуда, бофтаи устухон ва пардаи дохилии халтачаи буғум зиён мебинад. Баъзан устухон аз ҳад калон мешавад. Беморӣ аз дарди начандон шиддатноку номуттасили бандҳо оғоз ёфта, ҳангоми кори сабук худ аз худ нест мешавад. Баъд аз кори дуру дарози вазнин дард аз нав пайдо шуда, тадричан доимӣ мегардад. Бандҳо андаке варам ва дар аснои даст расондан дард мекунанд, аз хаму ростшавӣ қирс-қирс садо мебароранд. Тағйир ёфтани шакли банд ва дар бандҳои калон ҷамъ шудани моеъ аз эҳтимол дур нест.

Муолиҷаи А. ба муайян кардани банди иллатёфта ва даврааи беморӣ вобаста аст. Мақсад аз табобат мӯътадил гардондани раванди мубодилаи моддаҳо дар организм ва аз бори вазнин эҳтиёт намудани банди иллатёфта мебошад. Дар баъзе мавридҳо ҷарроҳӣ низ зарур аст.

Ад.: Чепой В. М., Диагностика и лечение болезней суставов, М., 1990; Машковский М. Д., Лекарственные средства, М., 2001; Алексеева Л. И., Медикаментозное лечение остеоартроза, РМЖ, т. 10, № 22, М., 2002.

С. Шукурова.

АРТРОЛОГИЯ (аз arthron – банд ва *…логия*), як фасли терапия (бемориҳои дарун), ки пайдоиш, ҷараён ва зухуроти болинии бемориҳои бандҳо, ҳамчунин усулҳои пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи онҳоро меомӯзад.

АРТӮЧ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳ. Панҷакент. Аз деҳа то маркази ноҳия 70 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2903 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, 2 китобхона, 2 сартарошхона, нуқтаҳои савдои хусусӣ, чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз канали Марғедар ва д-ҳои Уреҷ ва Артуч обёрӣ мешаванд.

АРУТЮНЯ́Н Норайр Саакович (3. 01. 1936, ш. Ереван, Арманистон – 23. 2. 2007, Душанбе), ҳайкалтарош (пайкарасоз), Арбоби ҳунари Тоҷикистон (1997). Хатмкардаи Донишкадаи бадеӣ-театрии ш. Ереван (1965). Солҳои 1965 – 69 ҳунарпешаи дастаи рақсу суруди Филармонияи давлатии Арманистон, 1969 – 70 пайкарасози Фонди бадеии Тоҷикистон, 1971 – 79 ороишгари з-ди сангрезаи ш. Душанбе, 1979 – 81 пайкарасози Вазорати фарҳанги ҶТ, 1981 – 87 муаллими Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов, аз с. 1987 то поёни умр ҳайкалтароши Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳифз, тармим ва истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Вазорати фарҳанги ҶТ ва ҳамзамон Фонди бадеии Тоҷикистон буд. А. дар офаридани портретҳои муҷассамавӣ маҳорати баланд дошт, симои маънавии қаҳрамононашро ҳамаҷониба мекушод. Нимпайкараҳои акад. Е. Павловский дар ш. Душанбе, шоири маъруф М. Турсунзода дар ш. Турсунзода, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ К. Исмоилов дар ш. Ваҳдат, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ И. Шарифов дар ноҳ. Данғара, акад. Б. Ғафуров дар ш. Душанбе, Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ Н. Қаробоев ва С. Турдиев дар ш. Душанбе, лавҳаҳои ёдгории арбобони давлатӣ Н. Махсум ва Ҷ. Расулов дар ш. Душанбе аз зумраи онҳоанд. Дар тарбияи пайкарасозони ҷавон саҳми калон гузоштааст.



АРӮЗ (ар.عروض – арз кардан, баён кардан), илми вазни шеър ва қоидаҳои он; як навъи вазни шеър, илми шинохтан ва донистани шеър, усули муайян кардани дурустию нодурустии каломи манзум ва оҳанги шеър. Дар хусуси маънию мафҳуми А. ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ дар «*Ал-Мӯъҷам*» навиштааст, ки «аз баҳри он арӯз хонанд, ки шеърро бар он арз кунанд, то мавзун аз номавзун падид ояду мустақим (рост) аз номустақим мумтоз (чудо) гардад», аммо *Ваҳиди Табрезӣ* дар ин ақида аст, ки А. аз номи рукни охири мисраи якуми байт, ки низ «арӯз» меноманд, гирифта шудааст. Муаллифи «Меъёр-ул-ашъор» Насируддини Тусӣ (а. 13), гуфтаҳои арӯзиёни пешинро оварда менависад: «Баҳромӣ ва ғайри ӯ аз арӯзиён гуфтаанд: арӯз чӯбе бошад, ки дар миёни хайма бошад… Ва чунон пиндорам, ки арӯзро ба ин сабаб ба ин исм гуфтаанд, ки муоризи (муқобили) зарб аст, яъне муқобили ӯ ё аз он вачҳ, ки арӯз исми роҳ ва самти роҳ бошад. Ва ин илмро ба он сабаб арӯз хондаанд, ки муштамил аст бар муораза (мубоҳаса) кардан шеърро усул ва аркони ӯ». Сайфии Бухороӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» менависад, ки «баъзе мегӯянд арӯз ба маънии тараф аст ва чун ин илм тарафи баъзе аз улум бувад, онро «арӯз» ном кардаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки дар таркиби ин се ҳарф, ки «айн»-у

(ع), «ро»-ю) (ر) ,«зод» (ض) аст, маънии кашфу зуҳур аст ва чун аз ин илм зоҳир пайдо мешавад вазни саҳеҳ ва вазни ғайри саҳеҳ пас аз ин ҷиҳат, ин илмро «арӯз» ном ниҳодаанд». А. дар луғат роҳи кушода дар кӯҳ аст ва ҳамчунон ки аз роҳе, ки дар кӯҳ аст, ба мавозеъ метавон расид, ин илм низ тариқи (роҳи) маърифати шеъри мустақим (саҳеҳ) ва сақим (хато) аст. Агар шахс А.-ро донад каломи мавзун ва номавзунро низ донад. Пас, ба ин муносибат, ин илмро арӯз номидаанд. А. ба маънии меғ (туман) ва абр аст ва ҳамчунон ки дар абру он чи аз ӯ пайдо мешавад, нафъи бисёр аст, дар ин илм низ нафъи бисёр аст, пас ба ин мушобаҳат ин илмро арӯз гуфтаанд. Асли пайдоиши А. ба ҳаёти мардуми араб пайвастагӣ дорад. Бештари истилоҳоти илми А. аз номи лавозимоти зиндагии арабҳои бодиянишин (чодарнишин), шутур, давидани шутур, чӯби миёни хайма ва ғ. гирифта шудааст. Дар бораи вазъи низоми А. ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Арабшиносони машҳури немис Г. Эвалд (1803 – 75) ва Р. Вестфал (1826 – 92) пайдоиши А.-ро ба сохти шеъри даврааи антиқии Юнони Қадим, аммо акад. Ф. Е. Корш (1843 – 1925), А. Кристенсен (ваф. 1945) бо вазни шеъри забони паҳлавии даврааи Сосониён вобаста медонанд. Адабиётшиноси эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ чунин ақида дорад, ки арабҳо дар ихтирои қоидаҳои А. ба вазни осори ба санскрит нигошташуда такя кардаанд. *Халил ибни Аҳмад* с. 767 дар асоси назми араб, ки пеш аз зуҳури ислом ривоҷ дошт, қоидаҳои А.-и арабро кашф кард.

А. аз оғози шеър ба забони форсии-тоҷикӣ (а. 9) то имрӯз вазни асосии шеъри форсии тоҷикӣ мебошад, аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми вазнҳои шеъри форсии тоҷикӣ аз арабӣ гирифта шудаанд. Баъзе вазнҳо хоси шеъри форсии тоҷикӣ буда, пеш аз пайдоиши А.-и араб дар шеърҳои халқӣ – фаҳлавиёт, сурудҳо ва ғ. вуҷуд доштанд. Умумияти асосие, ки дар байни А.-и арабӣ ва А.-и форсии тоҷикӣ вуҷуд дорад, танҳо дар ягонагии номҳои баҳр, зиҳоф ва афоилу тафоил мушоҳида мешавад. Шоирон ва донишмандони форсӣ-тоҷик А.-ро на дар шакли А.-и арабӣ, балки аз рӯи қоида ва хусусиятҳои овозии забони форсии тоҷикӣ ва дар заминаи шеърҳои халқӣ муқаррар кардаанд, ки ҳоло мо онро А.-и форсии тоҷикӣ меномем. Шоирони форсӣ-тоҷик аз вазнҳои А.-и арабӣ баҳрҳои мутобиқи забони форсии тоҷикиро гирифтанд ва вазнҳое, ки дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ буданду дар А.-и Халил ибни Аҳмад вуҷуд надоштанд, худ муайян карда, ба А.-и форсии тоҷикӣ дохил намуданд.

Қонунҳои сохти овозии шеъри арабиро ҳарфҳои мутаҳаррику сокин ва ҷузвҳои ибтидоии рукн – ватад, сабаб ва фосилаю фозила, аммо асоси қоидаҳои сохти фонетикии шеъри форсӣ-тоҷикиро ҳиҷо ва навъҳои он ташкил медиҳанд. Намунаи ашъори шоирони а-ҳои 9 – 10 ва асрҳои минбаъдаи адабиёти форс-тоҷик маълум месозад, ки авзони бештари онҳо бо авзони баҳрҳое, ки дар доираҳои А.-и араб буданд, мувофиқат намекунанд. Нахустин қасидаҳои комили адабиёти тоҷик – «Модари май», «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ, қасида ва мусамматҳои Манучеҳрӣ, Фаррухӣ ва Унсурӣ дар қолаби вазнҳои А.-и тоҷикӣ, ки намунаи чунин вазнҳо ҳеҷ гоҳ дар ашъори ягон шоири араб дида намешавад, мебошанд.

Тафовути дигаре, ки дар А.-и арабу А.-и аҷам дида мешавад, ин тағйир додани доира ва баҳрҳои атрофи онҳо мебошад. Агар дар доираҳои авзони араб ҳамагӣ шаклҳои солими 16 баҳр гирд омада бошад, арӯзиёни форс-тоҷик дар доираҳои А. шаклҳои солими 42 баҳр ва анвои музоҳафи онҳоро ҷой додаанд. Ҳангоми ба доираҳо ҷудо кардани баҳрҳо, пеш аз ҳама, ҳамнавъ будани ҷузвҳои таркибии онҳо ва баробар будани адади унсурҳои онҳо (сеҳиҷоӣ, чорҳиҷоӣ ва панҷҳиҷоӣ) ба назар гирифта шудааст. Фикру ақидаи арӯзиёни арабу аҷам дар хусуси миқдор, номи доираҳо ва баҳрҳое, ки дар атрофи онҳо ҷой дода шудаанд, мухталифанд (ниг. *Доираҳои арӯз*).

Бунёди А.-и форсии тоҷикӣ бо се роҳ анҷом ёфтааст: якум, ба қолабҳои А.-и анъанавӣ ворид кардани баъзе вазнҳои махсуси форсӣ-тоҷикӣ, ки дар шеърҳои халқӣ вуҷуд доштанд; дуюм, тағйири талаффузи баъзе калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ мувофиқи талаботи вазни А. (мас.: аз ин – а-зин, бар ин – ба-рин, ман ин ҷо – ма-нин-ҷо, бинишин – бин-шин, натавонам – нат-во-нам ва ғ.); сеюм, даровардани тағйирот ба А.-и араб: а) аз 16 баҳри А.-и араб арӯзиёни форс-тоҷик баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комилро партофта, баҳрҳои Ҷадид, Қариб ва Мушокилро, ки дар А.-и араб набуд, ба он ҳамроҳ карда, ҷамъ 14 баҳрро барои шеъри форсӣ-тоҷикӣ мувофиқ донистанд, ки инҳо иборатанд аз Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб; б) тағйири баъзе баҳрҳои арабӣ, мас., агар баҳрҳои солими А. – Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз дар доираи А.-и арабӣ дар шакли мусаддас ҷой гирифта, дар эҷоди шоирони араб дар шакли мураббаи солим маъмул бошанд, арӯзиёни форс-тоҷик ин баҳрҳоро дар доира дар шакли мусаммани солим ҷой дода, дар шаклҳои мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаи солим ва ҳатто мусаннои солим навиштани шеърро низ таъкид кардаанд. Вобаста ба таърихи инкишофи шеъри форсӣ-тоҷикӣ А. ҳамчун низоми вазн се марҳалаи таҳаввулу такомулро аз сар гузарондааст: 1) нимаи дуюми а. 9 – оғози А. дар шеъри форсии тоҷикӣ; 2) а-ҳои 10 – 11, мавқеи А. дар шеъри форсии тоҷикӣ мустаҳакам гардид, авзони шеър нисбат ба авзони асрҳои гузашта дилнишинтар шуданд, вале дар он давра низ баъзе вазнҳои номатлуб дар истеъмол буданд, ки баъдтар аз доираи истифодаи шоирони форс-тоҷик берун шуданд; 3) аз а. 12 то замони ҳозира. Дар ин марҳалаи нисбатан тӯлонӣ шеър ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохт хеле такмил ёфт. Забони адабии тоҷик боз ҳам инкишоф ёфта, вазнҳои шеърӣ низ ба хусусиятҳои лафзии он мувофиқат пайдо карда, торафт табиитару дилнишинтар гардиданд. Қоида ва усули А. такмил ёфта, вазнҳои нав кашф карда шуданд. Баъзе арӯзиёни форс-тоҷик мисли Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қоинӣ ва дигарон аз ин омехташавӣ рукнҳои солим эҷод карданд. Баъзе шоирони форс-тоҷик ба монанди Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (Балхӣ), Хоҷуи Кирмонӣ, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Б. Ҳоҷӣ, М. Фарҳат, А. Ҳаким ва дигарон қариб аз ҳамаи авзони мутаддади шеър баҳра бардошта, худ авзони нав эҷод кардаанд. Ҷалолуддини Румӣ (Балхӣ) дар 54 навъи А. шеър гуфтааст, ки дар 18-тои он то ӯ касе шеър эҷод накарда буд. Хоҷуи Кирмонӣ дар 11 вазни нав, Айнӣ дар 1 вазни нав, М. Фарҳат дар 37 вазни нав, А. Ҳаким дар 5 вазни нав, Б. Ҳоҷӣ дар 1 вазни нав шеър гуфтаанд, ки то онҳо дар ин авзон касе шеъри комил насуруда буд. Агар қоидаҳои сохти овозии шеъри арабӣ бар ватаду сабабу фосила асос ёфта бошанд, асоси қонунҳои сохти фонетикии шеъри форсии тоҷикиро ҳиҷо ва навъҳои он ташкил медиҳанд. С. Айнӣ ин ху-

сусияти А.-и форсии тоҷикиро таъкид кардааст. Дар А. ҳар як ҳиҷо вобаста ба дарозу кӯтоҳ буданаш номи махсус дорад. Як ҳиҷои дарозро (–) сабаби хафиф, ду ҳиҷои кӯтоҳро (V V) сабаби сақил, як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро (V –) ватади маҷмӯъ, як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳро (– V) ватади мафруқ, ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро (V V –) фосилаи суғро, се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро (V V V–) фосилаи кубро, чаҳор ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро (V V V V –) фозилаи суғро ва панҷ ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро (V V V V V –) фозилаи кубро меноманд. Мувофиқи қоидаҳои фонетикии сохти шеър дар забони тоҷикӣ ҳиҷо чузви асосии вазни А. қарор гирифтааст. Бунёди арӯзи форсии тоҷикиро ватаду сабабу фосилаю фозила не, балки ҳиҷои кӯтоҳу ҳиҷои дароз ва ҳиҷои якуним ташкил медиҳанд. Саҳеҳию носаҳеҳии вазни шеър дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба воситаи ҳиҷо чен карда мешавад. Барои санҷидани авзони шеър аз омезиши ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва якунимҳиҷо шаклҳои овозии гуногун сохта шудаанд, ки дар А. бо номи рукнҳои солим (афоили солим) ва рукнҳои фаръӣ машҳуранд (ниг. низ *Рукн, Зиҳоф*). Миқдори шаклҳои овозии ҳиҷоҳо дар А.-и форсӣ-тоҷикӣ 223-то буда, дар баҳрҳои арӯзӣ ба такрор меоянд ва ҳар кадоми онҳо дар ҳар баҳр номи муайян доранд. Сабаби шаклҳои якхела доштани афоили арӯзӣ (зиҳоф) ва гуногун будани номи онҳо ба амалиёти зиҳофсозии рукнҳои ҳар баҳр вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, қонунҳои фонетикии забон ва сохти шеъри форсӣ-тоҷикӣ имконият дод, ки донишмандони илми А. дар заминаи он шаклҳое ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд барои чен кардани каломи манзум меъёри асосӣ гардид. Хулоса, шеъри арӯзӣ ё усули арӯзӣ дар забони тоҷикӣ бар ҳиҷо асос ёфтааст.

Донишмандони А.-и тоҷикӣ хусусиятҳои овозии шеърро ба назар гирифта, меъёр ва андозаҳои ҳиҷосозиро муайян кардаанд, ки минбаъд чун қоидаи сохти фонетикии шеър мавриди истифодаи шоирон қарор гирифт. Таркиби ҳиҷоҳои шеъри А.-иро шаш овози садонок (а, и, у, о, ӯ, э), чор ҳарфи йотбарсар е, ё, ю, я ва бисту чор овози ҳамсадо (б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ) ташкил медиҳанд. Садонокҳои а, и, у, ӯ, э, о, ӣ як воҳиди овозӣ доранд. Садоноки ӣ, агар баъди садонокҳои о, ӯ («доноӣ» – «донойӣ», «хушрӯи» – «хушрӯйӣ» ояд, дар талаффуз ду таркиби овозиро ба вуҷуд меоварад. Садонокҳоро вобаста ба оҳанг ба ду гурӯҳ – дароз ва кӯтоҳ чудо кардаанд. Садонокҳои а, и, у, кӯтоҳ, садонокҳои о, ӯ, э, ӣ дарозанд. Ҳиҷои забонӣ ва ҳиҷои арӯзӣ низ аз ду ва зиёда ҳарфҳо ташкил меёбанд (ҳиҷоҳои якҳарфа ҳам ҳастанд), ки яке аз онҳо асосӣ буда, ҳарфҳои дигар аз ягон ҷиҳат ба ҳарфи асосӣ тобеанд. Дар бештари ин мавридҳо ҳарфи асосӣ садонок аст. Аммо дар ҳиҷои арӯзӣ гоҳе ҳарфи ҳамсадо ҳарфи марказии ҳиҷоро ташкил медиҳад. Мас., калимаи «дошт» дар А. ҳукми ду ҳиҷоро дорад: ҳиҷои аввал «до», ки ҳарфи асосӣ ё марказии он садоноки дарози «о» мебошад, ҳиҷои дуюм – «шт», ки албатта, ҳарфи асосии онро ҳамсадои «ш» ташкил медиҳад. Дар ин маврид арӯзиён ба он садоноки кӯтоҳеро илова карда, талаффуз менамоянд. Чунин хусусияти ҳиҷосозии ҳарфҳои ҳамсадоро донишмандони гузаштаи илми А. ва илми қофия пай бурда, дар хусуси он изҳори ақида кардаанд: «Ва дар порсӣ ҳаракате дигар аст, ки онро дар ҳеҷ кадом аз ин ҳаракоти сегона, яъне заммаю фатҳаю касра нисбат натавон кард ва онро ҳаракати мачҳул ва ҳаракати мухталаса хонанд, монанди ҳаракати лафзи «ро» дар лафзи «порсӣ», ки бар вазни фоилун аст ва бошад, ки ин ҳаракат дар ибтидои калимот уфтад ва агар касе онро аз қабили ҳаракат нашуморад ба сабаби он ки ба яке аз ҳаракати мазкура мансуб нест, бо ӯ дар иборат музояқат (танг) нест, аммо дар шеър онро аз қабили ҳаракат бояд шумурд ба далели вазн» (Насируддини Тусӣ). Дар илми А. ҳиҷоҳоро вобаста ба садонокҳои дарозу кӯтоҳ ва мавқеи ҳиҷоҳо (ҳиҷои баста ва ҳиҷои кушода) ба кӯтоҳ, дароз ва якуним тақсим кардаанд. Ҳиҷоҳоеро, ки аз як садоноки кӯтоҳ (мисли: а, и, у) ё аз як ҳамсадою як садоноки кӯтоҳ (мисли: ба, би, бу) иборатанд, ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва ҳиҷоҳоеро, ки аз як садоноки дароз (мисли: о, ӯ) ё аз ду ҳамсадою як садоноки кӯтоҳ (мисли: дар, бар) ташкил ёфтаанд, ҳиҷоҳои дароз меноманд. Ҳиҷоҳои бастае, ки садонокҳояшон кӯтоҳанд (мисли: ар, ад, яд) ва ҳиҷоҳое, ки аз ду ҳамсадою як садоноки дароз (ба шарте ки ҳарфи охирашон «н» бошад, мисли: нон, дон), инчунин, ҳиҷоҳое, ки аз як садоноки дарозу як ҳамсадои «н» сохта шудаанд, ба гурӯҳи ҳиҷоҳои дароз дохил мешаванд. Ҳиҷоҳои навъи «бод», «рӯз», «дашт», «дошт», «ноб», «арк», «орд» ва ғ. дар шеъри арӯзӣ ба воситаи кашиши ҳарфи охир, ба қавли Насируддини Тусӣ, «маҷҳулулҳарака» ба як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ табдил меёбанд (бо-д; рӯ-з; даш-т; ар-к; ор-д; до-шт) ва ғ.

Мас., дар ин байти Ҳофиз:

Салоҳи кор кучою мани хароб кучо,
Бубин тафовути раҳ аз кучост то ба кучо?

ки дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҳфуз суруда шудааст, аз ҳиҷои «чос» (дар калимаи «кучост») ҳарфи «т»-ро соқит карда, се ҳарфи он, яъне «чос»-ро ба ду ҳиҷо (–V) чудо кардем, то ки миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи ҳар ду мисраъ баробар шаванд.

Дар ашъори шоирони форс-тоҷик гоҳе ба калимаҳое дучор меоем, ки аз як садоноки дарозу чаҳор ҳамсадо иборатанд. Ин навъи калимаҳо, ки як ҳиҷоро ташкил медиҳанд, асосан мураккабанд, вале шоирон бо мақсади риоя кардани вазн онҳоро боз ҳам кӯтоҳтар мекунанд. Барои мисол як байти Хусрави Деҳлавиро меорем:

Сӯи дари ту раҳбари ҷонҳои ошиқон-ст,

мафъӯлу/фоилоту/мафоӣлу/фоилот
– – V / – V – V / V – – V / – V~

Боде, ки он ба кӯи ту рафтасту меравад.

мафъӯлу/фоилоту/мафоӣлу/фоилун
– – V / – V – V / V – – V / – V –

Дар ин байт, ки вазнаш Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (зарб – маҳзуф) аст, ҳарфҳои «с» ва «т»-и калимаи «ошиқон-ст» зиёдатист, барои ҳамин, ҳангоми тақтеъ ҳарду ҳарфро мепартоянд. Дар ҳиҷоҳое, ки ҳамсадои «н» баъди садонокҳои дарози «о», «ӣ» ва «ӯ» (мисли «дон», «дун», «дин») хоҳ дар аввал, хоҳ дар байн ва хоҳ дар охири байт омада бошад, одатан, як ҳиҷои дарозро ташкил медиҳад. Ҳангоми ба ҳиҷоҳо тақсим кардани калимаҳо садонокҳои кӯтоҳи а, и, у вобаста ба мавқеи талаффуз ва талаботи вазн гоҳе кӯтоҳ ва гоҳе дароз мешаванд. Мас., барои садоноки «и»:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

(*Ҳофиз*)

мафойлун/мафойлун мафойлун/ мафойлун
V – – – / V – – – / V – – – / V – – –

Дар ин байт ҳиҷои «ки» (дар ибораи «турки шерозӣ») ва ҳиҷои «ди» (дар ибораи «дили моро») дар вазни шеър ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ, аммо ҳиҷои «ли» (дар ибораи «дили моро»

ва ибораи «холи ҳиндуяш») чун дароз иштирок кардааст.

Мас., барои садоноки «у»:

Баду неки мо бигзарад бегумон,
Раҳоӣ набошад зи чанги замон.

(*Фирдавсӣ*)

фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун /фаъул
V – – / V – – / V – – / V –

Дар ин байт ҳиҷои «ду» (дар калимаи «баду») вобаста ба вазни шеър чун ҳиҷои дароз, ҳиҷои «гу» (дар калимаи «бегумон») ба вазифаи ҳиҷои кӯтоҳ омадааст. Азбаски имтидоди ҳиҷои дароз ҳангоми талаффуз ҳамеша аз ҳадди ақалли ҳиҷои кӯтоҳ зиёд аст, арӯзиён як ҳиҷои дарозро баробари ду ҳиҷои кӯтоҳ донистаанд. Ин меъёр, дар навбати худ, дар амалияи шоирӣ пурра ба эътибор гирифта шудааст ва шоирон дар қасидаю ғазалиёти хеш байтҳоеро ҷой додаанд, ки агар дар мисраи аввал муфтаъилун (– V V –) оварда бошанд, дар мисраи дуюм ба ҷои он мафъӯлун (– – –)-ро ба кор бурдаанд, ё агар рукни охири мисраи якум махбуни маҳзуф (фаъилун V V –) бошад, рукни охири мисраи дуюмро аслам (фаълун – –) овардаанд.

Мас., як байти қасидаи «Модари май»-ро меорем:

Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,

муфтаъилун/фоилоту/муфтаъилун/фаъ
– V V – /– V – V /– V V – / –

То бишавад тирагишу гардад осон.

муфтаъилун/фоилоту/мафъӯлун/фаъ
– V V – /– V – V / – – – / –

Илова ба меъёрҳое, ки ба ҳукми қонуни сохти фонетикии шеъри тоҷикӣ мубаддал гардидаанд, истисноҳое низ вуҷуд доранд, ки шоирони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик дар ашъори хеш онҳоро риоя кардаанд. Яке аз ин истисноҳо он аст, ки агар баъди садоноки дароз боз ҳарфи садонок ояд (хоҳ садоноки дароз бошад, хоҳ садоноки кӯтоҳ), ҳиҷои аслан дароз ба ҳиҷои кӯтоҳ табдил меёбад. Мас:

Ки вақти ёрӣ омад, ёрие кун,
Дар он хунхӯрданам ғамхорие кун.

(*Низомӣ*)

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/фаъулун
V – – – / V – – – / V – –

Ҳиҷои «рӣ»-и калимаҳои «ёрӣ», «ёрие» ва «ғамхорие» мувофиқи қонуни сохти фонетикии забони тоҷикӣ ҳиҷои дароз аст, зеро дар се мавриди ҳар се ҳиҷо аз як ҳамсадою як садоноки дароз («рӣ») таркиб ёфтаанд. Азбакси баъди садоноки дарози «ӣ» садонокҳои «о» ва «ё» омадаанд, шоир мувофиқи талаботи вазни шеър – Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ҳиҷои дарози «рӣ»-ро ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ ба кор бурдааст. Баъзан дар шеър ҳолатҳоеро мебинем, ки айни ҳамон ҳиҷо дар як байт ҳам ба вазифаи ҳиҷои кӯтоҳ ва ҳам ба вазифаи ҳиҷои дароз омадааст. Дар байти зер, ки дар вазни Ҳазаҷи мусаддаси мақсур аст, Низомӣ вобаста ба оҳанг ва вазни шеър аз ҳиҷоҳои якхела чунон устодона ва моҳирона истифода бурдааст, ки худи як шакли ҳиҷо дар як байт ду хел талаффуз карда мешавад:

Раҳе дорам ба ҳафтоду ду ҳинҷор,
Аз он як раҳ гулу ҳафтоду ду-хор.

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/мафоъӣл
V – – – / V – – – / V – ~

Дар мисраи аввал ҳиҷои «ду» (дар калимаи «ҳафтоду») чун ҳиҷои дароз, дар мисраи сонӣ ҳиҷои «ду» (дар калима «ҳафтоду») чун ҳиҷои кӯтоҳ; дар мисраи якум ҳиҷои «ду» (дар таъбири «ду ҳинҷор») чун ҳиҷои кӯтоҳ, аммо дар мисраи дуюм ҳиҷои «ду» (дар ибораи «ду хор») ба вазифаи ҳиҷои дароз омадааст. Истисноне дигаре, ки ба чашм мерасад, ин аст, ки ҳангоми тақтеи байт ҳарфи ҳамсадои охири калима ба аввали ҳиҷои калимаи дигар мегузарад. Ин ҳолат дар сурате рух медиҳад, ки агар ҳарфи охири калимаи якум ҳамсадо бошаду ҳарфи аввали калимаи дуюм садонок. Мисли ин байти Рӯдакӣ:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими Хутан ояд.

мафоъӣлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯлун
– – – V / V – – V / V – – V / V – –

Дар ин байт, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф суруда шудааст, устод Рӯдакӣ барои он ки калимаҳои «ман ояд» ва «Хутан ояд» ба шакли афъоли зиҳофи маҳзуф – фаъӯлун мувофиқат кунад, онҳоро дар шакли «ма-нояд» ва «су-ма-нояд» ҷой додааст.

Барои он ки тамоми мисраъҳои шеър ба вазни он мувофиқат кунад, баъзан шоирони форс-тоҷик маҷбур шудаанд, ки шакли маъмулӣ ва дурусти баъзе калимаҳои байтро тағйир диҳанд. Арӯзшиноси тоҷик Баҳром Сирус дар китоби «Арӯзи тоҷикӣ» бисту чаҳор навъи ин тағйиротро бо мисолҳояш овардааст. Дар шеърӣ А.-ӣ чун шеъри ҳиҷоӣ миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳои байт дар бештари маврид бо якдигар баробаранд, вале тафовут дар он аст, ки дар шеъри А.-ӣ фақат шумораи ҳиҷоҳо не, балки дарозию кӯтоҳии онҳо низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Яъне, ҳиҷоҳои дарози мисраи якум бояд дар баробари ҳиҷоҳои дарози мисраи дуюм ва ҳиҷоҳои кӯтоҳ дар баробари ҳиҷоҳои кӯтоҳ қарор гиранд. Мас., дар ин байти Низомӣ:

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

таносуби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ чунин аст:

Ба-ҳар-ко-ре-ки-ҳим-мат-бас-та-гар-дад,
А-гар-хо-ре-бу-вад-гул-дас-та-гар-дад.

Ҳар мисраъ 11-тоӣ ҳиҷо дорад ва аз онҳо 8-тояшон ҳиҷои дарозу 3-тояшон ҳиҷои кӯтоҳ буда, аломати шартиашон чунин аст:

V – – – / V – – – / V – –
V – – – / V – – – / V – –

Дар А. рукнҳои байтро аз якдигар бо хати моил (/) ҷудо мекунанд. Ин амал, яъне ба рукнҳо ҷудо кардани шеърро *тақтеъ* меноманд. Агар тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар рукнҳо тағйир ёбад, оҳанги шеър низ дигар шуда, вазнҳои нав пайдо мегардонд. Барои мисол ду байти Ҳофизро меорем:

Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад,
Як нукта аз ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад.

таносуби ҳиҷоҳо чунин аст:

Кай-шеъ-ри-та-ран-ге-зад-хо-тир-ки-ҳа-зин-бо-шад,
Як-нук-та-а-зин-маъ-нӣ-гуф-те-му-ҳа-мин-бошад.

Аломати шартиашон чунин аст:
– – – V / V – – – / – – V / V – – –
– – – V / V – – – / – – V / V – – –

Навъҳои гуногуни вазн, ки дар натиҷаи иваз шудани ҷойи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ба вуҷуд меоянд, баҳр ном доранд. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ асосан, 14 баҳр ба кор бурда мешавад. Ин баҳрҳо аз ҷиҳати аркон (рукнҳо) ба ду гурӯҳ: аслӣ (ё солим) ва фаръӣ (ғайриаслӣ) ҷудо мешаванд. Доир ба қоидаҳои А.-и форсии тоҷикӣ ва усули таълими он, роҷеъ ба муносибату тафовути А.-и форсии тоҷикӣ аз А.-и арабӣ рисолаҳои зиёде таълиф гардидаанд, ки «Ал-Мӯъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ, «Рисолаи арӯз»-и Рашиди Ватвот, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тусӣ, «Нисоб-ус-сибён»-и Абунасри Фароҳӣ, «Мизон-ул-авзон»-и Алишери Навоӣ, «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, «Арӯзи Сайфӣ»-и Сайфии Бухороӣ, «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ, «Чаҳор

гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Меъроҷ-ул-арӯз»-и Муҳаммад Ғиёсуддин, «Ҳафт қулзум»-и Қабулмуҳаммад, «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ, «Вазни шеъри форсӣ» ва «Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал»-и донишманди машҳури эронӣ Хонларӣ, «Арӯзи тоҷикӣ»-и Баҳром Сирус, «Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам», «Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам», «Таҳқиқ ва таълими арӯз», «Офтобе дар миёни сояе» (дар ду қисм), «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ», «Каломи манзум»-и У. Тоиров, «Арӯз ва омӯзиши он»-и Мирзо Солеҳ ва ғ. аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ад.: Зеҳнӣ Т., Санъати сухан, Д., 1967; Баҳром Сирус, Арӯзи тоҷикӣ, Д., 1973; Тоиров У., Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам, Д., 1991; Тоиров У., Саидмуроди Саидалӣ, Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам, Д., 1994; Шарифов Х., Тоиров У., Назмшиносӣ, Д., 2006; Фролов Д. В., Классический арабский стих, М., 1991; Насируддини Тусӣ, Меъёр-ул-ашъор, Д., 1992; Тақии Ваҳидиёни Комёр, Фунун ва саноеи адабӣ, Д., 1993.

Ш. Ҳусейнзода, У. Тоиров.

«АРӮЗИ САЙФӢ», рисолаи илмию таълимиест оид ба арӯз, ки онро с. 1491 Сайфии Бухороӣ таълиф намудааст. Бо номҳои «Рисолаи арӯз», «Илм-ул-арӯз», «Мизон-ул-ашъор» ва «Рисолаи Сайфӣ» низ машҳур буда, аз муқаддима ва 112 фасл иборат аст. Дар муқаддима оид ба сабабҳои таълифи рисола, дар фаслҳои 1 – 13 аз таърифи шеър ва моҳияти шоирӣ, нахустин шоирони форс-тоҷик, нахустшоирони қасидасарои форс-тоҷик, эҳтиёҷ ба илми арӯз ва сабаби чунин ном гирифтани ин илм, мавзун ва номавзунии каломи бадеъ, маънии луғавӣ ва истилоҳии тақтеи байт ва кайфияти он; баёни ҳарфҳое, ки навишта мешаванду талаффуз намешаванд, «алиф»-у «вов»-у «ҳо»-ю «ё», «нун»-и сокин ва баъзе ҳарфҳое, ки ҳангоми тақтеи шеър ба эътибор гирифта намешаванд, баёни аҷзои байт (ватад, сабаб, фосила), сабаби байт номидани ду мисраи шеър, рукнҳои солими баҳрҳои арӯз, миқдори баҳрҳо, рукнҳои солим ва фаръӣ сухан меравад. Дар фаслҳои баъдина оид ба баҳрҳои арӯз, доираҳои арӯз, ваҷҳи тасмияи баҳрҳо ва ғ. маълумот дода шудааст. Муаллиф дар боби 112 аз авзони рубоӣ, шаҷараҳои ахрабу ахрам (муханнақ) баҳс оростааст. Забон ва услуби иншои «А. С.» хеле содаю равон аст. Матни «А. С.» с. 1867 ва 1872 бо тарҷумаи англисӣ дар ш. Калкатта (Ҳиндустон) ба табъ расидааст.

Ад.: Тоиров У., Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам, ҷ. 1, Д., 1994.

У. Тоиров.

«АРӮЗИ ҲУМОЮ́Н», рисолаест дар илми арӯз ва қофия, ки Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ дар а. 15 ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Рисола аслан «Мизон-ул-авзон» ном дорад, вале Муҳаммад Ҳасани Адиби Ҳиравии Хуросонӣ саҳван онро таҳти унвони «А.» якҷо бо «Лисон-ул-қалам»-и Алишоҳ ибни Маҳдӣ (Т., 1959) ба табъ расонда, мухтасари «Ал-Мӯъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ пиндоштааст. Рисола аз ду боб (асл) – арӯз ва қофия иборат аст. Дар боби аввал дар бораи мартабаи илми арӯз, таърифи он, баёни мавзӯъ ва ғараз аз он, таърифи шеър ва он чи тааллуқ бар он дорад, баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ, дар боби дуюм дар бораи мартабаи илми қофия ва маърифати он, мавзӯъ ва ғараз аз он, ҳарфҳо ва айбҳои қофия маълумот дода шудааст.

Ад.: Сатторзода А., Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ, Д., 2001.

А. Сатторзода.

АРӮСАК, ниг. *Зочабозӣ.*

АРӮСБАРОРОН, а р ӯ с б а р о н, маросими ба хонаи домод бурдани арӯс. Қофилаи арӯсбарон бо рақсу суруд ба хонаи домод равон мешавад. Ба тамошои А. тамоми аҳли деҳа ё маҳалла мебарояд. Дар гузашта арӯсро аспсавор мебурданд. Ӯро ба асп бародар ё тағояш савор мекард ва яке аз инҳо сарчилав (чилавдор) мешуд. Ҳамин ки ба манзили домод мерасиданд, гулхан афрӯхта, дар гирдаш арӯсро давр мезанонданд. Дар баъзе маҳалҳо ин амалро падар, хола ё аммаи домод ичро мекард. Домод ба сарчилав хизматона (ҷома ва ё пул) дода, арӯсро аз рӯи зин мебардошт ва ба арӯсхона медароварад. Дар хонаи домод қудоҳоро бо таоми шаби никоҳ – ширбиринҷ, палав ё кичирӣ зиёфат мекарданд. Дар замони мо А. бо тантанаву сурур мегузарад. Арӯс бо мошинҳои ороддодашуда ҳамроҳи домод ва дугонаҳояш ба тӯйхона меояд. Дар мавриди А. хондани сурудҳои тӯёнаи «Ёр-ёр», «Нақш» (дар ноҳияҳои шим. Тоҷикистон) ва «Тӯй муборак бод, арӯс саломат бод» (дар ноҳияҳои ҷанубӣ) маълум ва машҳур аст.

А́РФА (итал. арра, нем. – harfe), сози тории қадимии мусиқӣ, ки шакли секунҷа дошта, ба чанги амудӣ монанд аст. Аз поён то болои ин соз торҳои чӯрашон гуногуни дарозиашон ҳархела гузаронда мешаванд. А. яке аз созҳои қадима буда, авв. а. 19 такомул ёфтааст. А. 46 тор (зеҳ) дошта, қаторовози хроматикиаш (бо бемол) бо ёрии 7 фишанги пой ҳосил карда мешавад. Ҳар фишанг метавонад овозҳои номбаршударо дар ҳама октаваҳо ним парда ё як парда бардорад. Меъёри овози А. аз Ces то fis 4 (аз до-бемоли контроктава то фадиези октаваи 4) мерасад. Партияи А. дар партитураи окестрӣ дар ду нотагоҳ навишта мешавад. Садои А. маҳину форам буда, дар оркестр ва ансамблҳои мусиқӣ, дар якканавозӣ ва яккахонӣ истифода мешавад. А. имконияти зиёди ичроӣ дорад ва дар он аккорд (якҷоя садодиҳии овозҳо), арпеҷио (пайиҳам садодиҳии овозҳо), глиссандо (лағжиш додани панҷаҳо болои торҳо) ва ғ-ро ичро кардан мумкин аст. Дар фарҳанги қадимаи халқҳои Осиёи Миёна А. ҳамчун сози мусиқӣ бо номи чанги амудӣ (ниг. *Чанг*) машҳур буд. Ҳангоми ҳафриёти археологии с. 1938 дар минтақаи Айритом (соҳили Амударё) арақае пайдо карданд, ки дар он сурати навозандае бо А.-и 13-тора акс ёфтааст. Ниг. низ *Арақаи Айритом.*



Арфа.

Ш. Ҳабибов.

АРФВЕДСОНИ́Т, минерали ҷинсофарин, амфиболи ишқории моноклинӣ. Ба ифтихори химики шветсиягӣ Ю. А. Арфведсон номгузорӣ шудааст. Формулаи химиявиаш: $Na_{2,5}$ $Ca_{0,5}$ $(Fe^{2+}, Mg, Fe^{3+}, Al)_5$ $[Al_{0,5}Si_{7,5}0_{22}]$ $(OH, F)_2$. Таносуби $Mg/Fe^{3+}/Al$ хеле гуногун аст (ҳангоми $Mg >> Fe^{2+}$ будан магнезиоарфведсонит ном дорад), Ca амалан метавонад вуҷуд надошта бошад. Рангаш сиёҳ, баъзан ҷилои шишагуни кабуд дорад, донаҳояш дарозрӯяи шаклашон нодуруст. Сахтиаш аз рӯи ҷадвали Моос 5,5 – 6. Зичиаш 3400 –3500 кг/м^3. Дар қабати сиенитҳои нефелинӣ ва пегматитҳои онҳо, дар гранитҳои ишқорӣ, метасоматитҳо ва карбонатитҳо бисёр аст.



Афведсонити дарозрӯя дар қабати гранит.

АРХАБИЁН, деҳа дар ҷамоати деҳоти Чилдухтарони ноҳ. Мӯъминобод. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Ленинград 31,5 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 19 нафар (2009), тоҷикон. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ ва зироаткорӣ. Заминҳо аз оби чашма обёрӣ мешаванд.

АРХАЙЗМҲО, (юн. archaios – кӯҳна, матрук), унсурҳои забон – калима, ибораҳо, таркибҳо, баъзе шаклҳои грамматикию қонуниятҳои наҳвии (синтаксисии) аз истеъмол баромада, ки ҳамчун унсурҳои матрук ва ғайрифаъол дар таркиби луғавии забон маҳфузанд. А. дар тамоми сатҳҳои забон ба назар мерасанд, вале бештари А. воҳидҳои луғавӣ – калимаҳо мебошанд. Ба қатори А. дохил гардидани калимаҳо ҳодисаи доимӣ ва тадриҷӣ мебошад, чунки дар ҷараёни таҳаввул, такомул ва рушди забон баъзе калимаҳо муродиф пайдо мекунанд; муддате байни калимаҳои муродиф «рақобат» ба миён меояд. Тадриҷан яке «ғолиб» мегардад, доираи истеъмоли дигареро маҳдуд намуда, онро аз истеъмол мебарорад. Мас., дар байти Бедил

Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд

калимаҳои «ҳаюло» ва «бӯзина» замоне вожаҳои умумиистеъмолӣ буданд, вале бо гузашти айём ҷойи аввалиро мода (материя) ва ҷойи дуюмиро маймун гирифт; калимаҳои аввалӣ ба қатори А. дохил шуданд. Ин навъ калимаҳо дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле зиёданд ва бо номи А.-и луғавӣ ёд мешаванд. Навъи дигари калимаҳои кӯҳнашуда ва матрукро А.-и маъноӣ мегӯянд. Ин гуна калимаҳо дар натиҷаи маҳдуд гардида, тадриҷан аз истеъмол баромадани калимаи сермаъно ба вуҷуд меоянд. Мас., калимаи ифлос дар ибтидо ба маънои бенавоӣ, камбағалӣ маъмул буд, вале имрӯз маънои чиркинро дорад. Калимаҳои дастур – вазир, муҷозот – мукофот имрӯз ба қатори А. дохил шудаанд. Дар боби грамматикаи забон низ А.-ҳо мушоҳида мешаванд: або – бо, абе – бе, абар – бар, андар – дар, азеро (к) – зеро ки, пасванди ҷамъбандии -ин (муаллимин, масъулин), пасвандҳои -айн (қавсайн, волидайн), -юн (инқилобиюн) ва ғ. унсурҳои архаистӣ мебошанд.

Унсурҳои архаистӣ дар боби савтиёт нисбатан камтаранд. Ҷараёни архаистӣ шудани онҳо марҳалаи тӯлониро дар бар мегирад. Чунончи, дифтонгҳои форсии қадим ai , au тадриҷан ба и-и дароз ва о-и дароз, ҳамсадоҳои думахрачаи хв (вови маъдула) ба х табдил шуда, шакли аввалаи онҳо ба ҳукми А. гузаштаанд. Чун забон вобаста ба раванди инкишофи ҷомеа пайваста дар таҳаввулу такомул ва дигаргунӣ қарор дорад, аз ин рӯ, силсилаи калимаҳои архаистӣ метавонанд, ки аз нав мавриди истифода қарор бигиранд ва эҳё гарданд. Мас.: ройгон, рушд, маншаъ, ришва, чоплус, ваҳдат, мӯҳтаво, ҳандаса, мусаллас, савтиёт, сарфу наҳв, ифтитоҳ, инфиҷор, кох, ирсол намудан, баррасӣ кардан, иброз доштан, аз лиҳози, ба ҳайси ва ғ. *Ш. Кабиров.*

АРХА́НГЕЛСК, шаҳр дар Федератсияи Россия, маркази маъмурии вил. Архангелски Федетратсияи Россия. Яке аз калонтарин бандарҳои баҳрӣ ва дарёӣ, муҳимтарин узели нақлиётии қисмати шим. ғарбии мамлакат. Дар ҳар ду соҳили д. Двинаи Шимолӣ ҷойгир аст. Соли 1584 бунёд ёфта, Новохолмогорӣ ном дошт. Аз с. 1613 ш. Архангелск. Аҳолиаш 348,4 ҳазор нафар (янв. 2010). А. аввалин бандари баҳрии давлати Рус буд. То авв. а. 18 маркази асосии тиҷорат бо давлатҳои Европа ҳисоб меёфт. Соли 1762 ҳуқуқи тиҷоратии А. бо Санкт-Петербург баробар эълон шуд. Дар а. 20 А. яке аз марказҳои асосии азхудкунии Арктика гардид. Иқтисоди А. асосан бар ду соҳа – баҳрӣ ва саноати ҷангал асос ёфтааст. Ҳанӯз с. 1693 бо фармони Петри 1 ин ҷо корхонаи киштисозӣ ва таъмири он, инчунин адмиралтейство – маркази истеҳсоли киштиҳои ҳарбии баҳрӣ бунёд ёфта буд. А. маркази калонтарини саноати чӯбу тахта ва содироти он аст. Дар шаҳр 7700 корхонаҳои саноатии калону миёна ва хурд ба қайд гирифта шудаанд. Комбинатҳои сел-



Мучассамаи Пётри Кабир.

люлозаю коғаз, дарахтбурию чӯбгарӣ, з-дҳои мошинсозии саноати ҷангал дорад. Истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ, пойафзор, трикотаж, ашёи ҳунармандӣ низ ривоҷ ёфтааст. Дар А. Донишгоҳи давлатии Поморйе, Донишгоҳи давлатии техникии Архангелск, Донишгоҳи давлатии тиббии Шимол, шӯъбаҳои Академияи давлатии баҳрӣ ва мактабҳои олии Москваю Санкт-Петербург, кӯҳантарин Омӯзишгоҳи баҳрнавардии Россия (таъсисаш 1771) фаъолият доранд. А. се театр, филармония, ду қасри маданият, марказҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо, Осорхонаи вилоятии кишваршиносӣ (таъсисаш 1859), Осорхонаи баҳрии Шимол, Осорхонаи санъати тасвирию бадеӣ, Осорхонаи санъати меъмории чӯбини Шимоли Рус дорад. Осори таърихиаш: меҳмонсарои (Гостиный двор, 1668 – 84, меъмор Д. М. Старсев) қадимии мусалсал, ки қад-қади соҳил дар дарозии 7,5 км бино шудааст (аввалин иншооти сангини Шимол), маъбади Троитса (Салоса, 1745) ва ғ.

АРХА́НГЕЛСКИЙ Александр Александрович [17(29). 12. 1892, Қазон – 18. 12. 1978, Москва], авиаконструктор, доктори илмҳои техникӣ. Баъди хатми Омӯзишгоҳи олии техникии Москва (1918) дар Ин-ти марказии авиаконструкторӣ (ЦАГИ) ва аз с. 1922 якҷоя бо А. Н. *Туполев* кор кардааст. Дар лоиҳакашӣ ва озмоишҳои аэрочанаҳою глиссерҳо, бунёди самолёти АНТ-2, АНТ-4 (ТБ-1) ва АНТ-6 (ТБ-3) иштирок намудааст. Конструктори асосии самолёти АНТ-9 («Боли Советҳо», 1929). Дар таҳияи лоиҳаи самолёти АНТ-20 («Максим Горкий») саҳми арзан-

да гузоштааст. Таҳти сарварии А. самолёти бомбаандози СБ (1936) ва намудҳои дигари он, бомбаандози Ар-2 (1940) сохта шудаанд. Соли 1937 дар асоси тӯҳмати бардурӯғ ҳабс карда шуда, то с.1941 дар бюрои конструктории махсус кор кардааст. Дар давраи ҶБВ (1941– 45) аз с. 1942 муовини аввали сарконструктори Бюрои конструкторӣ (бо сарварии Туполев) буд. А. ба ташкили истеҳсоли як зумра самолётҳои бамбаандози Ту-2 саҳм гузоштааст. Баъди ҷанг дар лоиҳакашии самолётҳои ҳарбӣ ва мусофирбари Ту-104, Ту-114, Ту-124, Ту-134, Ту-154 иштирок кард. Дорандаи Мукофоти сталинӣ (1941, 1949, 1952), Мукофоти ленинӣ (1957), Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1947).

АРХАНГЕ́ЛСКИЙ Андрей Дмитриевич (8. 12. 1879, Рязан – 16. 6. 1940, Москва), геологи рус, узви пайвастаи АИ СССР (1929), узви шӯрои машваратии коллегияи Комиссариати маорифи халқи СССР (1920 – 40), раиси Филиали қазоқистонии АИ СССР (1932 – 40), директори Ин-ти геологияи АИ СССР (1934 – 39). Оид ба масъалаҳои стратиграфия, лотология, тектоника, палеогеография ва сарватҳои зеризаминӣ тадқиқот бурдааст. А. доир ба геологияи қисми европоии СССР ва Осиёи Миёна бештар аз 180 асари илмӣ навиштааст. Дар китоби худ «Таҳнишастҳои даврати табошири болоии Туркистон» (1916) А. тарҳи стратиграфии ҷинсҳои таҳшини даврати табошири болои Осиёи Миёнаро тартиб дода, методикаи таҷдиди палеогеографиро боз ҳам инкишоф дод. А. харитаҳои геологии ноҳияҳои ҷудогонаи СССР-ро мураттаб сохтааст. «Сохти геологӣ ва таърихи геологияи СССР» (1932 – 34) ном асари ӯ машҳур аст. А. ноҳияҳои нефтдор ва конҳои сулфури ҷан. ғарбии Ӯзбекистон, инчунин водии Фарғонаро тадқиқ намуда, дар ин ҷойҳо мавҷуд будани нефту газро муайян кард. Барои тадқиқоти нефти минтақаи назди Баҳри Сиёҳ сазовори Мукофоти Ленинӣ (1928) гардид. Тарқиши калони қишри Замин, ки дар ҷан. ғарбии Баҳри Арал ҷой дорад, ба номи А. гузошта шудааст.

АРХЕ́Й (archaios – қадим), эраи қадимтарин дар таърихи геологии Замин. Бо индекси AR ишорат мешавад. Тахмин меравад, ки бештар аз 1,8 млрд сол давом доштааст. А. бо усули радиометрӣ муайян карда шудааст. Қадимтарин ҷинсҳои А. ба замони 3,5 – 4 млрд сол пеш тааллуқ доранд. Дар давоми эраи А. қабатҳои ғафси ҷинсҳои таҳшин ба вуҷуд омадаанд. Эраи А. бо ҳаракатҳои пурзӯри тектоникӣ – чиндоршавии ҷинсҳои таҳшин, оташфишонии вулқонҳо ва пайдо шудани интрузияҳои калон анҷом меёбад. Аз ин эра ҷинсҳои ниҳоят тағйирёфтаи метаморфӣ – гнейс, варақсангҳои кристаллию графитӣ, мармару кварситҳо боқӣ мондаанд. А. ба 4 давра тақсим мешавад: Неоархей, Мезоархей, Палеоархей ва Эоархей.

АРХЕОГРА́ФИЯ (аз *архео…* ва юн. qrapho – менависам), соҳаи илми таърих, ки назарияву амалияи нашри манбаъҳои хаттӣ, ташкили нашр, аниқ ва ҷамъ кардани ёдгориҳои таърихӣ, муайян намудани услуб ва шаклҳои нашр, қоидаҳои нашри илмию интиқодии маъхазҳо ва ғ-ро меомӯзад. А. бо филология, манбаъшиносӣ, палеография, матншиносӣ, дипломатика, бойгонишиносӣ ва ғ. алоқаи зич дорад. Таърихи А. куҳан аст. Дар давлатҳои Дунёи Қадим ҳангоми тартиб додан ва нусхабардории санадҳо усулҳои гуногуни тасдиқ намудани ҳақиқӣ будани ҳуҷҷатҳо, пешгирӣ намудани қалбакӣ будани онҳо, ишора намудани хусусияти матнҳо истифода мешуданд. Маҳорати аз нав барқарор кардани матнҳо ва ба онҳо зам намудани маълумоти иловагӣ меафзуд. Мас., дар колофонҳо ба баъзе қисмҳои «Достон дар бораи Гилгамеш» навишта шудааст: «Мувофиқи нусхаи аслии қадимӣ рӯйнавис ва муқоиса карда шудааст». Хатоиҳои ошкоргардида қайд ва ислоҳ карда мешуданд. Матнҳоро на танҳо нусхабардорӣ, балки адади нашрашонро муайян мекарданд. Усулҳое, ки ҳангоми тартиб додан ва рӯйнавис кардани ҳуҷҷатҳо, асарҳои адабӣ ва ғ. истифода мешуданд, намунаи фаъолияти археографӣ буданд. Бо инкишофи тадқиқоти илмии ёдгориҳои хаттӣ усулҳои нусхабардорӣ ва талабот нисбат ба онҳо хусусиятҳои хоси археографӣ пайдо карданд. Дар ташаккули А. ва матншиносӣ фаъолияти Зенодоти Эфессӣ, Аристофани Византиягӣ, Аристархи Самофракӣ аз Искандария (оид ба интиқоди матн, тафсир ва нашри асарҳои Гомер, Гесиод ва дигар муаллифони а-ҳои 3 – 2 то м.) мақоми муайян доранд. Олимони Искандария силсилаи аломатҳои матншиносиро таҳия карданд. Ҳамин гуна корҳо дар Рими Қадим низ иҷро мешуданд. Ихтирои китобчопкунӣ дар миёнаи а. 15 барои А. аҳамияти калон дошт. Дар Европаи Ғарбӣ баъди зуҳури китобчопкунӣ бисёр манбаъҳои антиқӣ то даврахои нав нашр шуданд. А. дар Россия нимаи 1-уми а. 18 пайдо шуд. В. Н. Татишев нашри аввали «Русская правда» («Ҳақиқати рус») ва «Судебник 1550» («Судномаи 1550»)-ро ба чоп тайёр карда, ба тавлиди А.-и рус асос гузошт. Дар инкишофи А. фаъолияти «Ҷамъияти таърих ва осори қадимаи Россия» дар назди Ун-ти Москва (таъсисаш 1804) ва дигар ташкилотҳо аҳамияти калон доштанд. Асрҳои 19 – 20 як силсила манбаъҳои хаттӣ, тасвирӣ, картографӣ, археологӣ ва ғ. оид ба таърихи Россия нашр шуданд. Баъзе ёдгориҳои алоҳида («Правда Русская» – «Ҳақиқати рус»), маҷмӯаҳои ифтихорномаҳо, «Куллиёти солномависии рус» (аз с. 1841 нашр мешавад), маҷмӯаҳои мавзӯӣ («Ҳаракатҳои коргарӣ дар Россия дар а. 19»), маҷмӯаи асарҳо, албомҳои нусхаҳои чопии асарҳои рассомӣ ва ғ. ба табъ расиданд. Онҳо нашрияҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ ва таълимӣ буданд. Дар қисми амалии А. ҷойи асосиро нашри сарчашмаҳои калонҳаҷм, ки бо меъёрҳои гуногун таҳия шудаанд, ташкил медиҳанд. Баъзан ин корҳо муддати хеле дароз давом мекунанд. Мас., «Ёдгориҳои таърихии Германия» аз с. 1824, «Мактубҳо ва коғазҳои император Пётри Бузург» аз с. 1887 нашр мешаванд.

А. ва матншиносии форс-тоҷик ҳам таърихи қадим дорад. Дар инкишофи он хизмати Абдулҳай Абдураҳим Хилватӣ, Абдуллоҳи Сайрафӣ, Иброҳими Исфаҳонӣ, Мавлоно Абдулвосеъ, Ҷаъфари Бойсунқар ва дигарон калон аст. Бо кӯшиши гурӯҳи калони хаттотону матншиносони форс-тоҷики а-ҳои 15 – 17 дар ш-ҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Балх, Марв, Нишопур, Хуҷанд китобҳои гаронбаҳо тартиб дода шуданд. Аз ҳари Табрезӣ, Баҳруддини Котиб, Мирабдулбоқӣ, Ҳасани Заринқалам, Ҳусайни Ҳиравӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои археографӣ дар Ин-ти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш ва дар бойгониҳо анҷом дода мешаванд.

Ад.: Фарсобин В. В., Источниковедение и его метод: Опыт анализа понятий и терминологии, М., 1983; Добрушкин Е. М., Основы археографии (учебное пособие), М., 1992; Королёв Г. И., Археография (учебное пособие), М., 1996; Каштанов С. М., Актовая археография, М., 1998.

АРХА́Р (Ovis ammon polii) ғ у л ч а , ҳайвонест ҷуфтсум. Ҷуссаи калон ва пойҳои дарози боқувват дорад. Да-

розии баданаш 110 – 200 см (модинаш нисбатан хурдтар аст), қадаш 65 – 125 см, вазнаш 110 – 230 (модинаш 90 – 100) кг. Шохаш каҷак, зарди сафедтоб, дарозиаш 67 – 190 см, вазнаш то 30 кг; шохи модинааш нисбатан борик ва кӯтоҳ (то 160 см). Пашмаш дурушт, кӯтоҳ, вобаста ба фасли сол тағйир меёбад (зимистон зич ва тобистон нисбатан тунук мешавад). А.-ҳо соле ду маротиба тулак мекунанд. А.-и нарина дар гарданаш тавқи сафед дорад. А.-ҳо зарди сурхча ва қаҳваранг мешаванд. Аъзои босира, сомеа ва шоммаи А. нағз инкишоф ёфтааст. А.-ҳо дар 2,5-солагӣ болиғ ва то 8 – 10-солагӣ калон мешаванд; давраи ҳамлашон 5 – 6 моҳ. А.-и модина баҳорон 1 – 2, баъзан 3 барра мезояд. Вазн ва ҷуссаи баррахои А. ва баррахои гӯсфандони дунбадор қариб як хел аст. Дар Тоҷикистон А.-ҳо фақат дар Помир (дар баландии 3500 – 5000 м аз с. б.) зиндагӣ мекунанд. Гала-гала дар соҳили дарёчаҳои кӯҳӣ ва марғзору чарогоҳҳои сералафи доманакӯҳҳо мечаранд. Тобистон баробари об шудани барф галаи А.-ҳо ба баландиҳои кӯҳ баромада, зимистон пасттар мефароянд. Ғизои А. алаф (рӯзе қариб 18 – 18,5 кг, модинааш то 16 кг) аст. А.-ҳо ба шароити қаҳратуни кӯҳистон нағз мутобиқ шудаанд. Дар бадани А. 9 навъи гелминт, саркоспоридияҳо ва магасҳои хунмак паразитӣ мекунанд. А. барои дурага кардани гӯсфандон истифода шудааст. Мас., дар натиҷаи ҷуфтӣ кунондани А. ва гӯсфанди меринос *архармериноси қазоқи*ро рӯёндаанд. Солҳои пеш А. барои гӯшт ва пӯсташ бисёр шикор карда мешуд. Бинобар ин саршумори он алҳол хеле кам гаштааст. Шикори А. дар Тоҷикистон манъ мебошад. А. ба Китоби Сурхи Тоҷикистон дохил карда шудааст.

Ад.: Овцеводство, т. 1, М., 1972; Сапожников Г. Н., Дикие бараны Таджикистана, Д., 1976; Соков А. И., В защиту памирского архара, «Природа», 1977, № 9; Биологический энциклопедический словарь, М., 1986.

А. Ҳайитов.



Архар.

АРХАРМЕРИНО́СИ ҚАЗОҚӢ, зоти гӯсфанди маҳинпашми гӯшту пашмдеҳ. Солҳои 1934 – 50 бо роҳи дурагакунии байнинамудӣ (мериноси навкавказӣ, *архар* ва ғ.) дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба вуҷуд оварда шудааст. А. қ. ҷуссаи калон дорад; ба шароити чарогоҳҳои баландкӯҳӣ тобовар аст. Вазни зиндаи қӯчқораш 90 – 150 кг, мешаш 55 – 65 кг мешавад. Аз ҳар сар қӯчқор 7 – 8 кг ва аз меш 3,2 – 3,5 кг пашм метарошанд. Аз 100 сар меш 110 – 120 сар барра мегиранд. Вазни баррахои навзод 4,0 – 4,2 кг, чормоҳа 30 – 32 кг ва якунимсола то 50 кг аст. Гӯсфандони А. қ. бештар дар вил-ҳои Алмаато, Павлодар ва Қазоқистони Шарқӣ парвариш меёбанд.



Архармериноси қазоқӣ.

АРХЕГО́НИЙ (аз юн. arhe – оғоз ва gone – тавлид, батни модар), узви ҷинсии модинаи ушнаҳо, сарахсшаклҳо ва лучтухмҳо, ки онҳоро аз рӯи ин аломаташон баъзан растаниҳои архегонӣ меноманд. А. кӯзашакл буда, аз қисми «шикам» (дар он ҳуҷайратухм ва найчаҳуҷайра ҷойгиранд) ва гардана (чанд найчаҳуҷайра дорад) иборат аст. Найчаҳуҷайраҳо аз луоб пур гашта, варам ва гарданаи А.-ро боз мекунанд. Дар натиҷа сперматозоидҳо ба ҳуҷайратухм ворид шуда, раванди *бордоршавӣ* ба вуҷуд меояд.

АРХЕОЛО́ГИЯ (аз юн. архео – қадима ва logos – илм, мафҳум), бостоншиносӣ, илмест, ки таърихи ҷамъияти инсониро дар асоси ёдгориҳои маданияти моддӣ меомӯзад. Ба маънии васеъ онро таърихи замони гузашта низ меноманд. Усули асосии омӯзиши ёдгориҳои археологӣ ҳафриёт аст. А. асбобу афзор ва маҳсулоти истеҳсолӣ (иморат, силоҳ, зарф, масолеҳи ороишию зиннатдиҳӣ, осори санъат ва ғ.); бозёфтҳои алоҳида ва маҷмӯи ҳодисаҳо, хосиятҳо ё чизҳои алоҳида тадқиқшуда (қариятҳо, хазинаҳо, қабристонҳои қадим, устохонаҳо, конҳо ва ғ.)-ро, ки дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ ба даст омадаанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар анъанаи илми муосири хориҷӣ (пеш аз ҳама барои мамолики англисзабон бештар хос аст), А. нисбатан васеътар чун илми таҷдиди ҳаводиси пешин фаҳмида мешавад. Дар чунин таъбиру маънидод он на танҳо тадқиқи натиҷаи моддии фаъолияти одам, балки якқатор фанҳои муҷовир чун палеоантропология ё археозоологияро фаро мегирад. А. инчунин ба таҳқиқи ҷасади одамони қадим, ҳайвон ва боқимондаи растанӣ, ки омӯзишашон ба таҷдиди хусусияти тарзи зиндагӣ дар замонҳои қадим мусоидат мекунад, машғул аст.

Асоси омӯзишӣ дар А. ёдгориҳои археологӣ, аз ҷумлаи ашёи рӯзгор, иншоот, қабристон ва амсоли инҳо мебошанд, ки дар сатҳи замин, зери замин ё об боқӣ мондаанд ва чун манбаи таҳқиқ мавриди кор қарор мегиранд. Мафҳуми дигари А. маданияти археологӣ мебошад. Мафҳуми муҳими сеюм – қабати мадании замин аст, ки боқимондаи фаъолияти одамро нигоҳ медорад.


Манбаъҳои шайии А. (дар муқоиса бо ёдгориҳои хаттии қадим) марҳалаи дарозтари таърихи ташаккули инсоният (зиёда аз 2 млн сол)-ро фаро мегиранд. Аксаран манбаъҳои археологӣ барои таъбиру тафсир хеле мураккабу номуносибанд, зеро таъсири харобкунандаи равандҳои табиӣ ба онҳо расида, дар бисёр мавридҳо иттилои нопурра медиҳанд. Таснифоти нисбатан паҳншудаи манбаъҳои археологӣ, ки тарафҳои гуногуни фаъолияти одамро инъикос менамоянд, ёдгориҳои вобаста ба маросими дафн, хазинаҳо, бозёфтҳои алоҳидаи тасодуфӣ ва дигар ёдгориҳои динӣ мебошанд. А.-и саканавӣ (муқимӣ) ҳафриёти қарияи куҳан (маскан ё таваққуфгоҳ, деҳа, шаҳр ва ғ.), сохтор ва тарҳкашии манзил ва комплексҳои онро меомӯзад. А.-и маросими дафнӣ тасаввурот дар бораи ҳаёт, марг ва мавҷудияти баъдимаргиро тадқиқ менамояд. А.-е, ки ба тадқиқи ёдгориҳои маросимӣ (дафнӣ) машғул аст, маълумоти таърихӣ-этнографӣ оид ба идеологияи давраи ибтидоӣ ва пеш аз таърихиро таҳқиқу ҷамъбаст намуда, масъалаҳои пайдоиши санъати тасвириро дар мисоли тасвироти рӯи санг, ҳайкалсозӣ, пайкарасозии хурд, нақшунигор ва ғ. меомӯзад.

Таснифоти дигари маъмули А. ба принсипҳои тафриқаи солномавии маданияти археологии давраи қадим вобаста аст, мас. А.-и асри санг мада-

нияти моддии замони *палеолит, мезолит, неолитро* мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Намудҳои дигари системаи тахассусии А. низ вуҷуд доранд; чунончи аз рӯи аломатҳои этникӣ ё давлатҳои алоҳида ва соҳаҳои маданӣ-таърихӣ. А.-и зериобӣ бо омӯзиши бозмондаҳои киштиҳои даврони пеш дар об ғарқгардида ва бошишгоҳҳои зери об монда машғул аст. А. бо якқатор фанҳои махсуси таърих: археография (осори хаттӣ), палеография (таърихи хат), эпиграфика (катиба), дипломатика, сфрагистика (мӯҳршиносӣ), глиптология (нақшорӣ), гералдика (тамғашиносӣ), нумизматика (сиккашиносӣ), ангеиолгия, метрология (чену вазн) зич алоқаманд аст. Аз байни илмҳои муҷовир бо А. антропология, этнология ва таърихи санъат бештар вобаста мебошанд. Мавзӯи А.-и муосир ҷамоати қадим бо ҳамаи ҷанбаҳои муштараки моддӣ, маънавӣ, этногенетикӣ, иҷтимоии он мебошад.

А. усулҳои хоси тадқиқ дорад. Мас. усули стратиграфӣ ба омӯзиши қабатҳои маданӣ машғул аст; ашёи бозёфтшуда аз рӯи таъйинот, вақт ва ҷойи истеҳсол; усули типологӣ барои таснифи тақвимӣ ва фазоӣ зарур аст, усули трассологӣ аҳамият ва вазифаи силоҳро муайян месозад. Маъмулан барои таҳлили маводи археологӣ аз усули омори математикавӣ истифода мебаранд. Дар А.-и муосир усулҳои табиию илмӣ аз қабили иктишофи электромагнитӣ, радиокарбонӣ, калий-аргонӣ, палеомагнитӣ, термолюминестсентӣ, спектроскопӣ, ултрофиолетӣ, таҳлили рентгеноспектралӣ, микроскопияи электронӣ ва ғ. хеле васеъ истифода мешаванд. Барои муайян кардани мутобиқати дақиқи объектҳои тадқиқшаванда аз дастгоҳҳои навтарини радифӣ кор гирифта мешавад. Тадқиқоти байнифаннӣ ҳам дар А.-и муосир нақши муҳим мебозанд. Палеоантропология масъалаҳои пайдоиш ва тарзи зиндагии одамони қадимро бар асоси боқимондаҳои устухони одам, археоботаника ва археозоология бозмондаҳои растанӣ ва ҳайвонотро мавриди тадқиқ қарор медиҳанд. Таҳлилҳои изотопӣ ва химиявӣ имкон медиҳанд, ки ғизои одамони қадим муайян карда шавад ва палеопаталогия бошад, ба омӯзиши бемориҳои одамони қадим машғул аст.

Истилоҳи А.-ро бори аввал Афлотун (а. 4 то м.) ба маънои «таърихи қадим» кор фармудааст. Ба маънои ҳозира баъдан он дар Рими Қадим (мас, аз ҷониби Плинийи Калонӣ) чун вожаи «antiguitates» пайдо шуд. Фақат дар а. 16 дар Европаи Ғарбӣ ҳарду ифода барои нишон додани ҳаёт ва маишати замони гузашта ва дар а. 19 ба сифати қисмати илм оид ба замони атиқаи классикӣ ба кор бурда шуданд. Мавзӯи омӯзиши А. ва таърих як аст – ҳар ду боқимондаи осори қадимро меомӯзанд. Андӯхтани донишҳои археологӣ хеле пештар аз танзими тасаввуроти назариявӣ шурӯъ шуд. Шоҳи Бобул Набонид ҳанӯз а. 6 то м. фармон дода буд, ки катибаҳоро оид ба ҳокимони пешин аз деворҳои кӯҳна ҷамъ ованд. Олими Рим Лукретсий асрҳои санг, биринҷ ва оҳанро вориди таърих намуд. Замони атиқа аз ҷамъоварии навиштаҷоти болои сангҳо оғоз ёфт. Аз ганиматҳои ҷанг (ҷому коса, шамшер, дигар асбобу афзор) дар Риму Юнон аввалин коллексияҳои шахсӣ ба вуҷуд омаданд. Чунончӣ, римиҳо коллексияи мӯҳрҳои шоҳи Понт Митридат Евпаторро ба маъбади Юпитери Капитолӣ супурданд ва минбаъд аксар асбобу анҷоми қиматбаҳо ба коллексияҳои ҳокимони давр дохил гардид. Дар Рим аввалин коллексионер Павели II (1464 – 71) ба шумор мерафт, Папа Сикст VI (1471 – 84) осорхонаи Капитолиро ташкил намуд. Соли 1478 Помпоний Лето дар Квиринали Рим Академияи ашёҳои қадимро таъсис дод. Дар а. 16 таҳти таъсири ғояҳои башардӯстӣ ва ислоҳот нуқтаи назар нисбат ба А. тағйир ёфт. Баробари омӯзиши осори қадимии классикӣ, таваҷҷӯҳ ба тадқиқи ёдгориҳои қаблинасронӣ (ғор ва хонаҳои зеризаминӣ) бештар гардид. Дар а-ҳои 17 – 18 теъдоди ҳафриёти ёдгориҳои археологӣ афзуд. Соли 1765 дар Неапол Академияи Эрколанезӣ ташкил ёфт. Дар а. 18 таърихшиноси немис И. Винкелман маводи кофтукови Помпейро таснифбандӣ ва нашр намуд, ки ба рушди А.-и атиқа мусоидат кард. Солҳои 1761 – 62 ашёшиноси англис Ҷ. Стюарт тадқиқоти Афинаи Қадимро ба нашр расонд. Соли 1828 дар Рим Ин-ти археологӣ кушода шуд, с. 1829 бо фармони шоҳзода Люсен Бонапарт дар Юнон як силсила ҳафриёт анҷом дода шуданд. Соли 1836 археологи даниягӣ К. Томсен ба асоси маводи мавҷудаи археологӣ бори аввал тақсимоти тақвимии таърихи қадимаи инсониятро ба се аср – санг, биринҷ ва оҳан илман асоснок кард ва ин таснифотро шогирдаш И. Ворсо такмил дод. Археологҳои франсавӣ, австриягӣ ва немиси нимаи дуюми а. 19 дар Юнон, Тунис ва Осиёи Хурд як силсила ҳафриёти бомуваффақият анҷом доданд. Соли 1881 Ин-ти археологии Бостон мактаби классикии А.-ро дар Афина таъсис дод. Археологи франсавӣ Г. де Мортиле мафҳуми қабатро иқтибосан аз геология ба А. оварда, таснифоти тақвимии давраи қадимаро мукаммал гардонд. Соли 1865 археолог ва этнографи англис Ҷ. Леббон асри сангро ба палеолит (асри қадимаи санг) ва неолит (асри нави санг) тақсим кард. Археологи франсавӣ Э. Петт давраи гузариш – мезолит (асри миёнаи санг)-ро кашф кард. Археологи немис В. Дёрпфелд ҳангоми кофтукови Олимп тарзҳои нави муқарраркунии объектҳои кашфшавандаро пешниҳод намуд, ки ғояи қабати сохтмонӣ ба ӯ тааллуқ дорад. Олими швед О. Монтелиус усули типологиро барои тадқиқи бозёфтҳои



Аҷинатеппа. Равоқу гунбадҳои таҷдидшуда.

моддии маданӣ ба кор бурд. Дар асоси ин усул археологи франсавӣ Ж. Дешелет ибт. а. 20 корҳои ҷамъбастиро доир ба археологияи Европаи Ғарбӣ ба табъ расонд. Кашфиёти олими англис О. А. Лэйярд (ҳафриёт дар Нимруд, ки он ҷо барзаговҳои болдор ва нақши муқарнас ёфт шуданд, дар Ниневӣ бошад, китобхонаи бо чадвалҳои хати мехӣ навишта пайдо гардид), тадқиқотчии немис Г. Шлиман, археологҳои англис Г. Картер ва Л. Вулл майлу рағбати ҷамъиятиро ба А. ба вуҷуд оварданд. Дар а 20 дар инкишофи А. бостоншиноси чех Л. Нидерле, франсавӣ А. Брейл, олимони англис Г. Чайдл, Ҷ. Гарстанг, Ф. Петри, америкоиҳо А. Кидлер, А. Крёбер, археологи швед Н. Оберг ва дигарон саҳм гузоштанд. Дар Россия а-ҳои 17 – 18 ба А. бештар таваҷҷӯҳ намудаанд. Ҳамин айём дар Сибир аввалин артелҳо оид ба кофтукови теппаю пуштаҳо созмон ёфтанд. Соли 1718 Пётри I дар бораи бунёди Кунсткамерҳо – нахустин махзанҳои осорхонавӣ фармон содир кард, ки дар онҳо бозёфтҳои замони пешин ҳифз мегардиданд. Соли 1722 Д. П. Мессершмидт дар Россия нахустин бор дар худуди Сибир ҳафриёт гузаронд ва минбаъд ин иқдомро Г. Миллер (1734), П. Паллас (1772) давом доданд. Соли 1846 дар Санкт – Петербург Ҷамъияти археологии Россия таъсис ёфта, дар дигар шаҳрҳо комиссияю осорхонаҳои марбута арзи вуҷуд карданд. Соли 1919 дар заминаи Комиссияи археологӣ Академияи таърихи маданияти моддӣ таъсис ёфт, ки с. 1937 Ин-ти таърихи маданияти моддии АИ СССР ва аз с. 1959 Ин-ти археологияи АИ СССР ном гирифт.

Дар Тоҷикистон ва умуман Осиёи Миёна корҳои археологӣ пас аз ҳамроҳ шудан ба Россия сар шуданд. Омӯзиши илмии таърихи атиқаи Тоҷикистон хусусан баъд аз таъсиси Экспедитсияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ, 1946) авҷ гирифт. Ҳозир дар ҷумҳурӣ бисёр ёдгориҳои давраи палеолити поён (*маданияти Қайроққум* 50 – 40 ҳ. Кулдараи Ховалинг (800 ҳ), Лоҳутӣ (500 ҳ) дар Ховалинг, Шаршар (200 ҳ) ва ғ.,) палеолити миёна (қароргоҳи *Оғзикичик*), неолит (*Тутқавули* Кӯлоб) ва ғ. дар ҳоли омӯзишанд. Барои омӯхтани асри биринчӣ ҳафриёти бошишгоҳҳои Қайроққум, камари *Оҳтангии* ноҳ. Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан), Тандурел ноҳ. Турсунзода, Душанбе, Тошгузар (Данғара) ва махсусан Ғелоти Кӯлоб аҳамияти калон доранд. Дар адабиёти таърихӣ то ба ҳол ақидае вуҷуд дошт, ки тамаддуни кишоварзӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар нимаи ҳазораи дуюм ва авв. ҳазораи якум пайдо шудааст. Кашфиёти қабристони мардуми кишоварз дар Кӯлоб нишон дод, ки дар а. 3 то м. дар ин ҷо одамон ба кишоварзӣ машғул буданд ва ин минтақа таърихи на кам аз 5-ҳазорсола дорад. Дар Суғд тамаддуни кишоварзон дар Саразм, ки ба ҳазораи 4 то м. нисбат дорад, ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Бозёфтҳои Кӯлоб, Саразм таърихи тамаддуни халқи тоҷикро ба а. 6 – 5 то м. мерасонанд. Дар а. 3 – 2 то м. шаҳрҳо ва давлати Каёниён арзи вуҷуд менамояд. Дар а. 2 то м. ориёиҳо аз минтақаҳои Тоҷикистони имрӯза ба Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳо мераванд. Омӯзиши ш-ҳои Тахти Сангин а.-ҳои 6 – 1 то м., Қалъаи Мир а. 4 – 3 то м., Кайқубодшоҳ, Кӯлоб, Ёвон ва водии Вахшу Ҳисор маълум сохтанд, ки дар ин давра давлати бузурги Ҳахоманишҳо вуҷуд дошт ва Бохтар дорои ҳазор шаҳр буд.

Омӯзиши Тахти Сангин нишон дод, ки халқи тоҷик аз а. 4 то м. то а. 5 м. соҳиби маданияти хосе будааст. Таҳқиқот дар ин бахш ҳамчунин собит намуд, ки Тахти Сангин маркази динии ориёиҳо – Ориёнвиҷ (Ориёно Васҷа) аст. Дар ин ҷо маъбади рамзии обҳои дунё Доитиёи нек вуҷуд дошт. Соли 2007 Президенти ҶТ баъди ҳафриёти Тахти Сангинро дидан, омӯзиши васеъ ва доманадору дақиқи онро супориш дод. Ҳафриёти ин ёдгории нодир нишон дод, ки Хизонаи Амударё моли ин маъбад аст. Аз рӯи маводи димнаи *Қалъаи Мир, Саксонохур, Балдойтеппа* ва ғ. таърихи ҷамъияти синфии Бохтари Шимолӣ омӯхта ва саромади маданияти зироаткории поёноби Кофарниҳон ва Вахш муайян карда шуд. Оид ба маданияти қабилаҳои нимбодиянишини замони атиқа ва а-ҳои миёна, маводи қабристонҳои Помир, водиҳои Бешкенту Вахш, ноҳияҳои Ашту Исфара гаронбаҳоянд. Дахмаҳои водии Бешкенту Помири Шарқӣ имкон доданд, ки роҳи ҳиҷрати қабилаҳои Кушонӣ дар а-ҳои 2 – 1 то м. ба Ҳиндустон муайян шавад. Дар омӯзиши шаҳрҳои асримиёнагӣ, иқтисод ва маданияти онҳо хусусан натиҷаҳои ҳафриёти харобаҳои *Панҷакенту Бунҷикат* ва деҳаҳои Гардани Ҳисор аҳамияти калон доранд. Харобаҳои Панҷакент аз с. 1946 сар карда илми бостоншиносиро бо маводи гаронбаҳо оид ба топографияи шаҳр, санъати меъморӣ, бинокорӣ, санъати тасвирию муҷассамасозӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти шаҳр бой карданд. Ҳафриёти Бунҷикат ва кӯшкҳои атрофи он низ оид ба санъати меъморӣ, кандакорӣ, деворнигораҳо ва ғ., ҳунармандии серсоҳа маводи гаронбаҳо доданд. Ҳафриёти дайри буддоии *Ачинатеппа* дар назди Қӯрғонтеппа бо ёдгориҳои серадади тасвирот ва муҷассамасозиаш имкон дод, ки мавқеи дини буддоӣ дар таърих ва маданияти тоҷикони а-ҳои 7 – 8 муайян шавад. Омӯзиши *Қалъаи Болои* назди Исфара, *Чилҳуҷраи* ноҳ. Ӯротеппа, қалъаҳои Помири Ғарбӣ ва Тоҷикистони Шимолӣ оид ба таърихи истеҳкомҳои ҳарбии тоҷикон маводи фаровонеро барои илми А. гирд оварданд. Дар бораи шаҳрҳои давраи авҷи феодализм баъзе маълумотро маводи *Ҳулбук, Сайёд,* Хуҷанд, Конибодом ва Ӯротеппа доданд. Ҳулбук аз ҷумлаи шаҳрҳои замони Сомониён аст, ки аз с. 1953 то ин давра омӯхта шуда, дар бораи ш-ҳои а-ҳои 9 – 11, сохти диж, қасру боргоҳ, шаҳристон, работ, меъморӣ, некӯаҳволӣ, гармоба, раставу бозорҳо, корвонсаройҳо, санъатҳои ҳунармандӣ, савдо ва ғ. маълумоти нодир медиҳад. Маводи Ҳулбук ва Сайёд нишон доданд, ки санъати гулбурӣ дар гач хеле равнақ дошт. Дар гачкориҳои Ҳулбук расмҳои шер, парандагон, оҳуи кӯҳӣ ва даштӣ хеле моҳирона тасвир шудаанд. Дар деҳаи баландкӯҳи тоҷирон ва маъданканони *Бозордара* (а-ҳо 10 – 11) матоъҳо, ашёи чармию пашмӣ ва ҳуҷҷатҳои хаттӣ боқӣ мондаанд.

Маълумоти бой оид ба таърихи маъданканӣ ва металлургия ба даст омад ва имконият дод, ки дарачаи тараққиёти кӯҳканӣ, техникаи он, таҷрибаи маъданҳосилкуниро муайян намоем. Таҳқиқи системаи қадимаи обёрии водии Вахш ва *Истаравшан*, омӯзиши технологияи касби кулолии Осиёи Миёна оғоз ёфт. Дар даврони муосир бостоншиносон ба муҳим будани ин соҳаи илм таваҷҷӯҳи боз ҳам бештаре зоҳир намуда, таҳти роҳнамоии Ин-ти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ қариб дар тамоми манотиқи Тоҷикистон, аз ҷумла Ҳулбук, Саразм, Кӯлоб, Бозордара, Мағораи Шахта, Хоҷа Машҳад, Тахти Сангин, Тандурйел, Шугнов, Тутқавул, Оҳтангӣ, Қайроққум, Тошгузар, Қалъаи Мир, Ачинатеппа, Тӯлхор, Саксанохур, Балдойтеппа, Кайқубодшоҳ, Қалъаи Боло, Чилҳуҷра, Гардани Ҳисор,

Панҷакент, Бунҷикат ва амсоли инҳо ба ҳафриёту таҳқиқ машғуланд. Ҳар сол натиҷаҳои ҳафриёти дар мамлакатамон анҷомдодашуда дар маҷмӯаи «Археологические работы в Таджикистане» чоп мешаванд. Дар омӯзиши археологии Тоҷикистон саҳми олимон А. Ю. Якубовский, М. М. Дяконов, А. М. Беленитский, А. П. Окладников, Б. А. Литвинский, А. М. Мандельштам, Н. Н. Неъматов, В. А. Ранов, Е. А. Давидович, Б. Я. Ставиский, М. А. Бубнова, Т. И. Зеймал, Ю. Ёқубов, А. Исҳоқов, А. Ҷ. Бобоев, Ӯ. Пулодов, А. Мирбобоев, Т. Филимонова, Н. Раҳимов, А. Юсупов, Е. Салтовская, Ш. Қурбонов, Г. Хуҷагелдиев ва дигарон бузург аст.

Ӯ. Пӯлодов, Ю. Яъқубшоҳ.

АРХЕОПТЕ́РИКС (Archeopteryx lithographica; аз *архео*… ва юн pteryx – паранда), парандаи қадимтаринимунқариз аз зерсинфи калтакалосдумҳо. Андозааш ба қадри андозаи зоғи ало буд. Шакли бадан, сохти пой ва болу пар аз паранда будани А. шаҳодат медиҳад, вале сохти косахонаи сар, вуҷуд доштани дандонҳо, думи дароз (аз 20 мӯҳра иборат буд), чанголи пойҳои пеш, мавҷудияти қабурғаҳои шикам онро ба хазандаҳо наздик мекунад. А. дар таҳаввулоти мӯҳрадорон аъзои муҳимтарин аст, зеро он аз хазандаҳо ба вуҷуд омадани парандаҳоро исбот мекунад. Боқимондаи А. с. 1860 дар варақсангҳои литографии давраи Юраи боло (дар Бавария) дарёфт шудааст (ҳамагӣ се скелет ва нақши болу пари А.); яке аз ин скелетҳо археорнис (Archaeornus siemensi) номида шуд, аммо минбаъд А. будани он низ исбот гардид.



Археоптерикс.

АРХЕСПО́РИЙ (аз юн. arche – оғоз, ибтидо ва *спора*), як ё якчанд ҳуҷайраҳои субэпидермиро гӯянд, ки аз онҳо макро- ё микроспораҳо инкишоф меёбанд. Ҳуҷайраҳои А. аз ҳуҷайраҳои дигар бо калонии ядро ва ғилзати ситоплазма фарқ мекунанд. А. якумин ва дуюмин мешавад. Ҳангоми А.-и якумин ҳуҷайраҳо дар вақти тақсимшавӣ ду қабат ҳосил мекунанд, ки қабати поёнӣ бофтаҳои А.-и сонианд. А.-и сонӣ ё ҳуҷайраҳои модарӣ гард (дар гарддон) ё як ҳуҷайраи археспоравӣ – макроспора (дар тухммуғча) ҳосил мекунад, ки минбаъд аз он ҷанинхалта ташаккул меёбад.

АРХИ...(аз юн. archi – саркарда, асосӣ), 1) қисми калимаҳои мураккаб, ки ба сарварӣ далолат мекунад – архиепископ, архимандрит (дар калисо). 2) префиксест, ки дараҷаи олии мафҳумро ифода мекунад (архимаксионӣ ва ғ.).

АРХИКА́РП, ҷинси модинаи бештари занбӯруғҳои халтадор (*аскомисетҳо*). А. аз аскогон (қисми поёнӣ) ва трихогина (қисми болоӣ) иборат аст. Ба воситаи трихогина нутфа (*антеридий*) ба аскогон мегузарад ва бордоршавӣ ба вуқӯъ меояд.

АРХИМЕ́Д (Archimedes) (тақр. 287– 212 то м.), Арашмидус, математик ва механики Юнони Қадим. А. дар Сиракуза (ҷаз. Ситсилия) таваллуд шуда, бештари умри худро дар ҳамон ҷо гузарондааст. Мувофиқи ривоятҳои то давраи мо расида тахмин меравад, ки ӯ писари ситорашинос Фидий будааст. А. фаъолияти илмии худро чун механик ва техникашинос оғоз намуд. Ба Миср сафар карда, бо олимони Искандария (Конон, Эратосфен ва дигарон) робитаи илмӣ пайдо кард, асарҳои онҳоро омӯхт. Ин ба инкишофи фаъолияти илмии А. такони зӯр дод. А. ба аҳли дарбори подшоҳи Сиракуза Гиерони II наздик буд. Дар ҷанги дуюми Пунӣ А. мудофиаи муҳандисии Сиракузаро ташкил кард. Мошину механизмҳои ҳарбие, ки ӯ сохта буд, римиёнро аз ҳуҷуми қатъӣ ба шаҳр боздоштанд. А. ҳангоми аз тарафи қӯшуни Марселл ишғол кардани Сиракуза аз дасти аскари римӣ кушта шуд. Дар қабри А. ёдгорие гузошта шудааст, ки шакли кура ва силиндри дар атрофи он кашидашударо дорад. Мазмуни катибаи санги мазор он аст, ки ҳаҷми шаклҳои мазкур чун 2 : 3 нисбат доранд. Ин нисбатро А. кашф карда буд.



Ҳайкали нимтанаи Архимед.

Мавзӯи асосии тадқиқоти математикии А. ҳал кардани масъалаҳо доир ба ҳисоб кардани масоҳат ва ҳаҷми ҷисмҳои гуногун буд. Аз ҷумла ӯ масоҳати эллипс ва сегменти параболаро ҳисоб кард; масоҳати конус ва кура, ҳаҷми кура ва сегменти сферавӣ, инчунин ҳаҷми ҷисмҳои дар натиҷаи дар гирди меҳвараш давр задани шаклҳои геометрӣ ҳосилшавандаро ёфт; хосияти хати каҷеро тадқиқ кард, ки сонитар бо номи спирали Архимед маъруф гардид; ҳосили ҷамъи прогрессияи геометрии беинтиҳои махраҷаш 1/4-ро ҳисоб кард, ки дар таърихи математика нахустин мисоли қаторҳои беинтиҳо ба ҳисоб меравад. А. дар «Псаммит» ном асараш ба ададҳои ҳар қадар калон имконпазир будани ному ишорагузориро исбот кард. Аксиомаи А. (дарозии порчаи кӯтоҳи ду порчаи нобаробарро якчанд маротиба афзуда, дарозии аз порчаи дароз дарозтар ҳосил кардан мумкин аст) аҳамияти махсус дорад. Ин аксиома «мураттабияти архимедӣ» ном мафҳумро муайян мекунад, ки дар математикаи муосир мавқеи муҳим дорад. А. адади π=3,14…-ро хеле дақиқ ҳисоб кард ва ҳудуди носаҳеҳии онро нишон дод:

$$3\frac{10}{71} < \pi < 3\frac{1}{7}$$

А. дар инкишофи механика низ саҳми бузург гузоштааст. Ӯ дар яке аз асарҳои аввалинаш байни сутунҳои болор тақсимшавии вазнро тадқиқ кард. Таърифи мафҳуми маркази вазни ҷисм ва кашфи ифодаҳои математикии қонуни фишанг низ ба А. мансуб аст. А. асосгузори статика ва гидростатика мебошад (ниг. *Қонуни Архимед*). Ихтироъкори манчаниқ, механизмҳои борбардор, олоти обкашӣ

(винти Архимед) ва дигар механизму асбобҳост. А. дар астрономия низ тадқиқот анҷом додааст. Барои муайян кардани қутри намоёни (кунҷи) Офтоб (33′) асбоберо сохт ва бо ёрии он қимати кунҷи мазкурро хеле саҳеҳ ҳисоб кард (31′59′′). Асбоби механикие (сфераи холии чархзананда) ихтироъ намуд, ки бо ёрии он ҳаракати Офтоб ва панҷ сайёра, фазаҳои Моҳ, гирифти Офтоб ва Моҳро мушоҳида кардан мумкин буд. Бисёр асарҳои А. ба забони арабӣ тарҷума шуда, ба инкишофи илми кишварҳои асримиёнагии Шарқ (тадқиқоти Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва дигарон) таъсири калон расондаанд.

Бо номи А. дар Моҳ танӯра ва қаторкӯҳ, инчунин астероид гузошта шудааст.

Ос.: Архимед. Сочинения, М., 1962
Ад.: Житомирский С. В., Архимед, М., 981; Житомирский С. В., Учёный из Сиракуз: Архимед. М., 1982.

АРХИМИСЕ́ТҲО (Archimycetes), синфи занбӯруғҳои дараҷаи паст, ки бештари онҳо дар дохили ҳуҷайраи обсабзҳо, занбӯруғҳои обӣ ва растаниҳои гулдор ҳаёт мегузаронанд. Ҷисми нашвии А. аз протоплазма ё митселия иборат аст. Дар мавриди афзоиши ғайричинсӣ дар аксари А. як ё якчанд спорангийҳо ташаккул меёбанд (дар онҳо зооспораҳое ба вуҷуд меоянд, ки як қамчинак доранд). Ҳангоми афзоиши чинсӣ гаметаҳо омехта мешаванд. Аксар А. систа дошта, аз он баъди давраи оромӣ зооспораҳо мебароянд.

АРХИПЕЛА́Г, ниг. *Галаҷазира*

АРХИТЕКТО́НИКА (аз юн. arxitektonike – санъати бинокорӣ), ифодаи бадеии қонунияти сохтмон, ки ба системаи сохти бино, инчунин ҳайкалҳои мудаввар ва асарҳои калонҳаҷм хос аст. А. умуман сохти объект (мас. бино, асари бадеӣ, қишри замин, қишри нимкураҳои калони мағзи сар) мебошад. Мафҳуми А. пеш аз ҳама дар меъморӣ ба кор бурда мешавад. А. дар меъморӣ дар робитаи мутақобила ва таносуби ҷойгиршавии қисмҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, сохти мавзуни шаклҳо, рангҳо ва ғ., ки намуди биноро назаррабо мегардонанд, зоҳир мешавад. Баъзан А. воситаи асосии ифоданамоии мазмуни ҳиссиёти образнок дар осори санъати пластикӣ (муҷассамасозӣ, кандакорӣ, рақс) мебошад. Дар маънои васеътар А. дар рассомӣ, мусиқӣ, адабиёт ва кинематография таъсири мутақобилаи қисмҳои композитсионии асар ва санъати бунёди системаи бадеиро ифода мекунад. Дар адабиёт мафҳуми А. ба мафҳуми композитсия наздик аст. Дар бунёди асари бадеӣ мафҳуми А. дар худ таносуби қисмҳои асар, ҷойгиршавӣ ва робитаи мутақобилаи қисматҳои онро, ки дар якҷоягӣ то андозае ягонагии бадеиро ташкил медиҳанд, муттаҳид месозад (ниг. *Композитсия*). А.- и китоб хусусиятҳои ба худ хос дорад. Зери мафҳуми А.-и китоб ҳам сохти берунии асар ва ҳам тартиби дохилии он фаҳмида мешавад. А.-и китобҳои бадеӣ, дарсӣ ва илмӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар асари бадеӣ мафҳуми А. ғайр аз сохти берунӣ тартиби сужет: тақсими асар ба ҷузъҳо, навъи нақл (аз муаллиф ё аз номи ровии махсус), нақши муколама, ин ё он муттасилии ҳодисаҳо, дар нақл ворид намудани мазмуни гуногуни тасвир, мулоҳизаҳои муаллиф, руҷӯи лирикӣ, гурӯҳбандии шахсони амалкунанда ва ғ-ро дар бар мегирад. Равишҳои А. яке аз унсурҳои асосии услубро (ба маънои васеъ) ташкил дода, якҷоя бо он ба вазъи иҷтимоӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, онхо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бо пайдо гардидани синфу гурӯҳҳои нав дар саҳнаи таърих тағйир меёбанд. Дар геология А. манзараи умумии сохти геологӣ, хусусиятҳои хобиши қисмҳои кӯҳӣ дар ин ё он маҳал мебошад.

АРХОЗАВРҲО́ (аз *архи…* ва sauros – калтакалос); (Archosauria), як гурӯҳи хазандаҳои мунқариз. Текодонҳо, тимсоҳҳо динозаврҳо ва калтакалосҳои паронро дар бар мегиранд. Феълан фақат тимсоҳҳо боқӣ мондаанд. А. асосан дар эраи мезозой мезистанд. А.-и аз ҳама қадимтарин аз давраи триас маълуманд. Онҳо бо ду пой роҳ мегаштанд (ин баъдтар дар баъзе динозаврҳо боқӣ монд), ки сабаби ин эҳтимол мутобиқат ба ҳаёт дар даштҳои кушод бошад. Баъзе намудҳои обии А. зиндазо буданд. А.-и дараҷаи олӣ (динозаврҳо ва калтакалосҳои парон) мумкин ҳайвонҳои гармхун буданд. А. дар хушкӣ, об ва ҳаво мезистанд. Онҳо барои таҳқиқи эволютсияи мӯҳрадорон аҳамияти калон доранд, зеро таърихи пайдоиш ва инкишофи онҳо давраи дуру дарозро дар бар мегирад. Аз А. парандаҳо ба вуҷуд омадаанд.


Архозавр.

АРХӮ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Дӯстии ноҳ. Абдураҳмони Ҷомӣ. Аз. А. то маркази ноҳия – шаҳраки Куйбишев 14 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 535 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ ва нуқтаҳои савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз нақби Парчасой обёрӣ мешаванд.

АРЧА́ (Junigerus), бурс, як навъ дарахт ё буттаест ҳамешасабз. Баргҳояш сӯзаншакл, нештармонанд ва пулакчасон (рӯ ба рӯи якдигар ё гирдогирд ҷойгир шудаанд). Мевааш чалғӯза буда, бо пулакчаҳо (1 – 10 тухм дорад) пӯшида шудааст. Дар кӯҳҳои Тоҷикистон (1200 – 3700 м аз с. б.) 4 намуди А. – маҳинбурс, паттаарча, сарварча ва хорбурс месабзад.

М а ҳ и н б у р с (J. seravschanica) то 10 – 13 м қад мекашад. Баргаш пулакчамонанд, чалғӯзааш калон, бунафши тира ё сиёҳ, 2 – 8 дона тухм дорад. Дар нишебии қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Пётри I, Боботоғ, Ғозималик ва Сарсарак (800 – 2500 м аз с. б.) мерӯяд. Аз навдаи сабзи маҳинбурс равғани эфир мегиранд, ки он дар атриётту собунпазӣ, саноати шаробкашӣ, барои муолиҷаи ҷароҳат (чун воситаи тамйиз) ва дар пажӯҳишҳои микроскопӣ бо номи «равғани арча» истифода мешавад. Барг, пӯстлох ва меваи хоми маҳинбурс моддаҳои даббоғӣ доранд. Аз чӯби маҳинбурс қалам месозанд. Маҳинбурс нисбат ба дигар намудҳои А. дар поёнтари кӯҳҳо мерӯяд. Бинобар ин онро одамон бисёр буридаанд ва дар аксар ҷойҳо хеле кам мондааст.

П а т т а а р ч а (J. sibirica) мисли бутта буда, баргаш хор дорад; навдааш ғафс, секирра, чалғӯзааш сиёҳ, 2 – 3 дона тухм дорад. Дар кӯҳҳои Тоҷикистон асосан дар нишебиҳои санглох (дар баландии 2500 – 3700 м аз с. б.) дучор мешавад. Дар баъзе мавзеъҳои Помиру Олой (мас., дар Ванҷ ва дар қисми шарқии қ-кӯҳи Пётри I) буттазори анбӯҳ ҳосил мекунад. Паттаарча ба сармо тоб меоварад.

С а р в а р ч а (J. semiglobosa) то 10 – 18 м қад мекашад, шохчаҳояш чун химчаҳои маҷнунбед овезон мебо-

шанд, баргаш сӯзаншакл (дар дарахтони 5 – 10-сола) ва пулакчамонанд (дар дарахтони пир), чалғӯзааш сиёҳи кабудтоб, 2 – 3 дона тухм дорад. Дар Помиру Олой, Тиёншони Ғарбӣ ва Марказӣ паҳн шудааст. Сарварча дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон (аз қ-кӯҳҳои Қурама то кӯҳҳои Помири Ғарбӣ; дар баландии 2000 – 2500 м аз с. б.) мерӯяд. Чӯбаш хушбӯй, сурхчатоби зифтдор аст.

Хорбурс, балхарча (J. turkestanika) то 10 – 18 м қад мекашад; баргаш лӯлашакл, навдааш чорқирра, чалғӯзааш сиёҳи байзашакл, як дона тухм дорад. Дар қ-кӯҳҳои Осиёи Миёна, Тиёншон ва Помиру Олой паҳн шудааст. Дар Тоҷикистон дар нишебиҳои қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Қаротегин, Пётри I (2000 – 3700 м аз с. б.) мерӯяд. Дар баландиҳои зиёда аз 2800 – 3700 м шоху навдааш ба рӯи замин паҳн мегардад. Чӯби хорбурс хушбӯй ва хушнамуд аст.

Арчазорҳо барои хоҷагии халқ аҳамияти калон дошта, хокро аз эрозия ҳифз менамоянд, нишебии кӯҳҳоро мустаҳкам мегардонанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М. – Л., 1957; Исмаилов М. И., К систематике Среднеазиатских видов можевельника, Бюллетен ГБС, М., 1968; Коннов А. А., Флора арчевников Шахристана, Д., 1973.

АРЧА́, деҳа дар ҷамоати деҳоти Деҳқонариқи ноҳ. Фархор. Аз А. то маркази ноҳия 11 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2340 нафар (2009), тоҷикон. А. мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобхона ва муассисаи фарҳангию фарогатӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

АРЧА́-МУЛЛОАШӮРӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Меҳроботи ноҳ. Файзобод. Аз деҳа то маркази ноҳия 20 км; роҳ қисман асфалтпӯш. Аҳолиаш 178 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғу токдорӣ, чорводорӣ ва



Арча (Juniperus zeravschanica).

ғаллакорӣ. Заминҳо аз дарёчаи кӯҳии Ширбӣ обёрӣ мешаванд.

«АРҶАНА́», 1) тарона, оҳанги қадимии мардуми форс-тоҷик, ки онро дар давраи Сосониён Борбад таълиф намудааст. «А.» аз силсилаи дуюми «*Хусравониёт*»-и ӯ буда, ба муносибати ҷашни Наврӯз эҷод шудааст. Дар рисолаҳои мусиқӣ ва осори саромадони адабиёти форс-тоҷик «А.» чун наво ва таронаҳои қадимӣ тавсиф гардидааст; 2) шӯъбаи мусиқӣ дар а-ҳои 12 – 13. Дар таълифоти мусиқии минбаъда (а-ҳои 14 – 17) А. ёд нашудааст. Дар мусиқии классикии тоҷик вуҷуд надорад.

Ад.: Борбад ва замони ӯ, Д, 2004; Раҷабов А., Эҷод ва ичрои мусиқӣ дар садаҳои IV – VII, Д., 2011. *А. Раҷабов.*

АРҶИНА́К, деҳа дар ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳии ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия 34 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 296 нафар (2009), тоҷикон. А. 2 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, чорводорӣ.

АРҶО́СП, яке аз персонажҳои асотир ва қиссаву ривоятҳои бостонии мардуми ориёӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Дар Авесто («Яштҳо») номи А. дар шакли Арећат-аспа вомехӯрад, ки маъниаш «(дорандаи) аспи арҷманд» мебошад. А. шоҳи Турон, сарвари қабилаи хйаона, «дрегвант» – «дурӯғпараст», душмани дини Зардушту омӯзиши ӯ буд. Қиссаи А. аз адабиёти авестоӣ, асотиру ривоятҳои бостон ба адабиёти паҳлавӣ гузаштааст. Дар достони «Ёдгори Зарирон» аз ҷангҳои А. ба муқобили эрониён ва кушта шуданаш сухан меравад. Баъдан, пас аз тарҷумаи осори паҳлавӣ (аз он ҷумла «Худойнома») ба забони арабӣ, достони А. ба осори таърихии арабӣ дохил шуд ва дар а-ҳои 9 – 10 – замони эҳёи забони форсии дарӣ, ба миён омадани шоҳномаҳои мансуру манзум ҳикояти А. дар шакли пурратар ва мутобиқи тақозои замон пешкаши хонандагон гардид. Дақиқӣ дар *«Гуштоспнома»* ва сипас Фирдавсӣ дар «*Шоҳнома*» саргузашти А.-ро ба назм даровардаанд. Аксар лаҳзаҳои саргузашти А. дар «Гуштоспнома» ба асари паҳлавии «*Ёдгори Зарирон*» монанд мебошанд. Баъзе фарқиятҳо низ дар ин достонҳо ба назар мерасанд. Мас., дар «Ёдгори Зарирон» омадааст, ки А. дар майдони ҷанг ба асирӣ гирифта шуд ва мавриди муҷозот қарор гирифт. Ӯро лангу кӯр карда ба кишвараш фиристоданд. Мувофиқи ривояти Дақиқӣ А. аз майдони ҷанг фирор мекунад. Фирдавсӣ, ки «Гуштоспнома»-и нотамоми Дақиқиро идома додааст, меорад, ки А. ба кишвари худ омада, аз фориғболии *Гуштосп* ва дар банд афтодани *Исфандиёр* огоҳ шуд ва бори дуюм ба Эронзамин ҳуҷум кард. Вай Лӯҳроспро кушта, духтарони Гуштоспро асир гирифт ва ба нишемагоҳи худ – Рӯиндиж баргашт. Исфандиёр пас аз тай кардани роҳи Ҳафт хон Рӯиндижро фатҳ намуд ва А.-ро ба қатл расонд. Фирдавсӣ дар симои А. шахси бадкирдор, шоҳи золиму хунхор ва тороҷгар, дурӯғпарастро офаридааст. Лашкариёни ӯ ҷодугарону девон буданд, вале ҳамаашонро паҳлавонони Эронзамин бо сарварии Исфандиёр нест карданд. Ғояи достони Дақиқӣ, ки Фирдавсӣ идома додааст, ватанхоҳӣ ва пирӯзии нерӯи нек бар бадӣ мебошад.

Ад.: Авесто, Д., 2001; Абулқосими Фирдавсӣ, Шоҳнома, ҷ. 6, Д., 2008. *Г. Саъдиева.*

АРШ (ар. аршун – тахт, тахти подшоҳ, авранг, гоҳ, осмон, хайма, хона, хавоза, чӯб ё санги канораҳои чоҳ ва ғ.), дар забони арабӣ аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ маъниҳои бисёр дорад ва дар Қуръон ҳам (7: 54; 9: 129; 12: 100 ва ғ. ва шакли ҷамъи он 18: 42; 22: 45 ва ғ.) ба маъниҳои мухталиф ба кор бурда шудааст. Аз ҷумла А.-и Худо таъриф карда нашавад ва кайфияти он ва баёни ҳади он дар шаръ ҷоиз нест. Дар ин равия роҷеъ ба маъниҳои А. ва таносуби он бо «*Курсӣ*», ки низ дар Қуръон зикр шудааст, тафсиру андешаҳои гуногун баён ёфтаанд. Ҳамчунин А. осмоне аст, ки болои ҳамаи осмонҳо бошад ва ин осмонро дар истилоҳи илми нуҷум фалакулафлок ва дар истилоҳи шаръ А. мегӯянд. *М. Умаров.*

АРША́Д Муҳаммадамин (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик. Дар Самарқанд ба дунё омада, дар ҳамин ҷо таҳсил карда ба камол расидааст. Тазкиранигор Малеҳои Самарқандӣ, ки ҳангоми 25-солагии А. ба вай муошират доштааст, мегӯяд, ки «чун шеъри худ банду басти шоирона дорад». Падараш ба зарробӣ (сикказании пули филиззӣ) шуғл меварзид, вале А. аз ин ҳунар бебаҳра будааст. Бештар ба шеъру адаб таваҷҷӯҳ дошт. Дар муаммогӯй, кушодани сирри «Шабистони нукот» (асари Фаттоҳии Нишопурӣ) устод буд. Инчунин дар бадоҳатан гуфтани шеър, нигориши ашъори ҳаҷвӣ, моддаи таърих маҳорат доштааст. Дар шеърҳояш, ки ба сабки ҳиндӣ нигошта шудаанд,

таваҷҷӯҳаш ба шоироне аз қабили Қосими Девона, Мирзо Ҷалоли Асир ба назар мерасад. Аз девонаш иттилое нест. Намунаҳои ашъораш ба воситаи тазкираҳову баёзҳо (мас., дар «Музакир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ 150 байт) то замони мо расидаанд. Абёти зерин аз ӯст:

Қади шамшоди туро банда шавам,
Сарви озоди туро банда шавам,
Рангаш андоза бувад, бӯяш ноз,
Гули эҳоди туро банда шавам.
Дод аз бас ба ту таълим ҷафо,
Хӯи устоди туро банда шавам.
Роми андешаи ошиқ нашавад,
Шӯхии ёди туро банда шавам.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973; Тазкираи Музаккир-ул-асҳоб ё Тазкират-уш-шуарои Малеҳои Самарқандӣ, Д., 1385 ҳ. ш. (2007). *М. Диловаров*

АРША́ДИ БАРНОБОДӢ Мирзо Муҳаммад ибни Хоҷа Алиакбар ибни Муҳаммадҳошим ибни Муҳаммадтоҳир ибни Ҷалолуддин ибни Сирочуддин Алӣ (1616, Барнободи Ҳирот – 1702, ҳамон ҷо), шоири тоҷик. Дар зодгоҳаш таҳсил карда, ба камол расидааст. Бо шоирон Нозими Ҳиротӣ, Фасеҳӣ ва Мулло Айшӣ ҳамнишин ва мусоҳиб будааст. Аз А. Б. куллиёти ашъор боқист, ки зиёда аз 10 ҳазор байтро дар бар мегирад. Бо номи «Абри гуҳарбор» маснавие дорад, ки онро дар ҷавоби «Махзанул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ иншо кардааст

АРША́К (Ашки I**),** бунёдгузори сулолаи Ашкониён. Солҳои 250 – 248 то м. ҳукмронӣ кардааст. Ӯ яке аз чеҳраҳои диловар, кордон ва ботадбир буда, тавонист ҳамқабилаҳои худ – портҳои ориёиро дар атрофи хеш муттаҳид созад. Ӯ с. 256 то м. парчами муборизаро бар зидди Селевкиҳо барафрошт ва дар с. 250 то м. ба тахти подшоҳӣ нишаст. А. бо бохтариҳо борҳо ҷангид ва дар с. 248 то м. дар яке аз чунин набардҳо ба қатл расид. Авлоди А. ба ӯ эҳтироми бисёр дошта нд ва ба хотири бузургдошту зинда нигоҳ доштани номи бунёдгузори дудмони худ ҳамаи онҳо хешро Ашк номиданд ва ин силсила Ашконӣ ном гирифт. *Қ. Расулиён.*

АРШИ ОБӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қаротоғ, тобеъ ба шаҳри Турсунзода. Аз А. то шаҳр 7 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1769 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: сабзавоткорӣ, чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

АРШӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик (а. 16). Мувофиқи маълумоти тазкиранигорон Мутрибӣ («Тазкират-уш-шуаро») ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ («Музаккир-ул-аҳбоб») А. дар Бухорову Самарқанд таҳсил карда, улуми расмии даврро аз худ намуд. Дар айёми таҳсил ба шеър гуфтан оғоз кард. Дар анвои гуногун шеър мегуфт. Дар ибтидо «Субҳӣ», баъдан ба маслиҳати Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Аршӣ» тахаллус гирифт. Дар ин хусус вай гуфтааст:


Шоҳаншаҳи иқлими сухан Хоҷа Ҳасан,
Сад шукр, ки оқибат саги хешаш хонд.
Гуфтам, ки: «Шаҳо, тахаллусам «Фаршӣ» нех»,
Аз «Фарш» фаро гирифту бар «Арш» ниҳод.

Аз осори А. куллиёти ашъор, як девон ва як маснавӣ боқӣ мондааст. Нусхаи дастнависи куллиёти А. дар ш. Банкипур (Ҳиндустон), як нусхаи девону маснавиаш дар Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфузанд. Ғазали зерин (ҷавоб ба ғазали Мӯҳташами Кошонӣ) намунае аз шеъри А. мебошад:

То фикандӣ, моҳи ман, аз орази гулгун ниқоб,
Рафт сабр аз чарху нур аз моҳу тоб аз офтоб.
Аз ҳучуми ноз мижгони ту ҳоҳад шуд ба ҳашр,
Халқ нолону малак ҳайрону ҳақ дар изтироб…
Орзу дорам, ки молам рӯи худ, эй шаҳсавор,
Гоҳ бар наълу гаҳе бар рахшу гоҳе бар рикоб.
Аз фироқи лаълу зулфу оташин рухсори ту,
Шуд чигар хунобу дил дар печутобу тан кабоб.
Хонд Аршӣ тоза ашъореву мутриб дар Ироқ,
Мӯҳташам мадҳушу Майлӣ масту Ваҳшӣ шуд хароб.

АРШӢ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қаротоғи ноҳ. Турсунзода. Аз А. то маркази ноҳия 16 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 628 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

АРЪА́Р, ар-ар (Populus kanjilaliana), дарахтест росту баланд. А.-и худрӯй дар Осиёи Марказӣ дучор мешавад. Онро аз замонҳои қадим барои муҳофизати киштзору соҳил ва чун дарахти ороишӣ қад-қади роҳ, наҳру дарё, ҷӯйҳо, дар боғ, кӯчабоғу гулбоғҳо мешинонанд. Чӯби А. дар сохтмону наҷҷорӣ истифода мешавад. А. дарахти зудсабз буда, 40 – 45 м (баъзан зиёдтар) қад мекашад; қутраш то 2 м, аҳромшакл. Муғҷааш



Аръар.

хушбӯй. Барги А. оддӣ (дарозиаш 8 – 10 см, бараш 6 – 7 см), думчадор, шаклан гуногун аст. Пеш аз баромадани барг ё ҳамроҳи он гул мекунад. А. дарахти рӯшноипарвар ва намидӯст аст. Ба хокҳои шӯр ва ҳавои гарм тобовар буда, навдаҳои наврустааш аз сармои бармаҳал зарар мебинанд. А.-ро дар авв. баҳор асосан бо қаламча зиёд мекунанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1968.


АСА́Б, бофтаҳои тормонанде, ки мағзи сар ва уқдаҳои асабро бо дигар узву бофтаҳои ҷисм алоқаманд месозанд. А. аз нахҳо таркиб ёфтааст. Нахҳои А.-и мӯҳрадорон дастадаста ҷой гирифтаанд (ҳар даста бо пардае фаро гирифта шудааст, ки аз бофтаҳои пайвандӣ иборат мебошад). А. ду навъ – эҳсосӣ (афферентӣ, марказшитоб) ва таҳрикӣ (эфферентӣ, марказгурез) мешавад. Дар одам ва ҷонварони мӯҳрадор (хазандаҳо, парандаҳо ва ширхӯрон) аз мағзи сар 12 ҷуфт А.-ҳои косахонаву майна мебароянд: I – А.-ҳои шомма, II – А.-ҳои босира, III – А.-ҳои ҳаракатовари чашм, IV – А.-ҳои блокӣ, V – А.-ҳои сетора, VI – А.-ҳои баранда, VII – А.-ҳои чеҳра, VIII – А.-ҳои сомеа, IX – А.-ҳои забону ҳалкум, X – А.-ҳои гумроҳ, XI – А.-ҳои иловагӣ, XII – А.-ҳои зери забон. Дар моҳӣ ва обхокиҳо фақат 10 ҷуфти аввали А.-ҳо мавҷуд мебошанд. А.-ҳои ҳароммағз дар одам 31 ҷуфтанд; ҳар ҷуфт эффекторҳо ва ретсепторҳои қисми муайяни ҷисмро бо А. таъмин месозад. А.-ҳои мазкур аз ҳароммағз ба воситаи ду решача – қафо (эҳсосӣ) ва пеш (таҳрикӣ) мебароянд. Минбаъд ҳар ду решача ба як танаи умумӣ пайваст мегарданд. А.-

ҳои босира зиёда аз 1 млн нах доранд. Маҷмӯи А.-ҳо дар организм *системаи асабҳои канориро* ба вуҷуд меоваранд.

АСАБОНИЯ́Т, ҳолатест, ки ба ноустувории эҳсосотӣ, изтиробнокӣ, худэҳтиромкунӣ ва аксуламалҳои вегетативӣ вобаста буда, зимни сахт мутаассиршавии шахс аз таъсири ангезаҳои олами беруна ба амал меояд. Аломатҳои асосии А.: тундмизоҷӣ, оташинӣ, тезшавии ҳаракатҳо, ҳаяҷоннокӣ, паридани чашм, ларзидани лабҳо, тағйирёбии овоз ҳангоми муошират, бенизомии рафтор ва фаъолияти нуткӣ, аксуламалҳои номувофиқ ба вазъиятҳо ва ғ. А. вобаста ба навъҳои мизоҷи одамон (холерикӣ – сафровӣ, сангвиникӣ – дамавӣ, меланхоликӣ – молихулёвӣ ва флегматикӣ – балғамӣ) ба таври гуногун зоҳир мешавад. А. дар намояндаи навъи мизоҷи холерикӣ, ки асоси онро дар мувозинат набудани серҳаракатии системаи асаб, бартарии ҳаяҷон бар боздорӣ, ангезишпазирӣ бар фаъолӣ, номавзунии рафтор ва барангезиши баланди эҳсосот ташкил медиҳанд, нисбат ба дигар навъҳои мизоҷ равшантар зоҳир мегардад. Дар сурати пешгирӣ накардан А. метавонад ба ҳолати ҷунунӣ, вазъи сахти бошиддати рӯҳӣ, ки шахс ба рафторҳои содиркардааш ҷавоб дода наметавонад, табдил ёбад ва боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои номатлуби ҷисмонию равонӣ гардад.

М. Давлатов.

АСА́Д (аз ар. – асад – шер, лот. Leo), 1) бурҷи панҷум аз бурҷҳои дувоздаҳгона, ишорааш ♌. Дар мадори Офтоб қитъаи 120° то 150° аз рӯзи эътидоли баҳорӣ ишғол мекунад. Офтоб дар А. аз 23 июл то 23 авг. мемонад; 2) яке аз 88 бурҷҳои осмони ситоразор, байни бурҷҳои Харчанг (Саратон) ва Хӯша (Сунбула) ҷойгир шудааст. Дар осмон масоҳ. 947 градуси квадратиро ишғол карда, 122 ситораи намоёнро дар бар мегирад. Офтоб дар А. аз 10 авг. то 15 сент. қарор мегирад. Ҷойгиршавии ситораҳо шери хобидаро мемонад. Сари шер ба дос ё аломати савол монандӣ дошта, ситораҳои мунираш Раъс-ул-асад-аш-шимолӣ ва Раъс-ул-асад-ул-ҷанубӣ (Алгенуби) мебошанд. Тобиши ситораи дурахшонтарини А. – Қалби Асад (Регул) 165 маротиба аз Офтоб зиёд буда, қадри зоҳириаш 1,36^{m} аст, ки сабаби наздикиаш ба Замин мебошад (85 с.р.). Дар думи шер ситораи аз рӯи тобиш дуюм - Дунбола (2,14^{m}) ҷойгир шуда, аз Замин дар



Бурҷи Асад дар атласи муосири бурҷҳо.

масофаи 43 с.р. аст. А.-ро дар моҳҳои фев. ва март хуб мушоҳида кардан мумкин. Дар бурҷи А. нуқтаи воҳурӣ бо сели метеории Леонид ҷойгир аст, ки он дар натиҷаи порашавии кометаи Темпел-Туттл ҳосил шудааст;



Тасвири Бурҷи Асад дар дастхатҳои шарқӣ.

3) номи моҳи панҷуми солшумории хуршедӣ (шамсӣ), ки ба 23 июл – 22 авг. тақвими григорианӣ рост меояд.

М. Холов.

АСА́Д ибни Сомонхудот (с. тав. ва ваф. номаълум,), амири Хуросон. А. – писари *Сомонхудот*, дар замони хилофати *Ҳорунуррашид* ва *Маъмун* аз ҷониби Тоҳири Зуляминайн фармонравои Хуросон таъйин гардид. А. соҳиби чаҳор писар – Нӯҳ, Аҳмад, Илёс ва Яҳё буд ва дар с. 819 бо фармони Маъмун ба ҳар яке аз писарони ӯ қисмате аз ноҳияи Хуросон дода мешавад ва онҳо анъанаҳои давлатдории падари худро идома дода асосгузорону поядорони давлати Сомониён мегарданд.

Қ. Расулиён.

АСА́Д ҲОФИ́З (6. 10. 1930 – 10 6. 2000, Димишқ), ходими сиёсӣ , низомӣ ва давлатии Сурия, президенти ин кишвар (1971 – 2000). А. Ҳ. аз ҷавонӣ таҳти таъсири миллигароӣ ва андешаҳои сотсиалистӣ ва зиддимустамликавӣ қарор гирифт. Соли 1951 роҳбарии ҳамоиши саросарии



донишҷӯёни Сурияро ба дӯш дошт. Солҳои 1952 – 55 дар Донишкадаи ҳавопаймоии ш. Ҳимс таҳсил намуда, с-ҳои 1955 – 58 дар Миср ва Иттиҳоди Шӯравӣ касбашро такмил дод. Ҳамзамон фаъолияти сиёсии худро идома дода, 8-уми марти 1963 яке аз сарварони табаддулоти давлатӣ гардид, ки дар натиҷаи он ҳизби БААС ба сари қудрат расид. Соли 1964 ба унвони генералӣ соҳиб шуд ва фармондеҳи нерӯҳои ҳавоии Сурия таъйин гардид. Ҳамзамон узви Шӯрои марказии ҳизби БААС буд. Баъди табаддулоти давлатии 23 февр. 1966 вазири дифоъ таъйин гардид. Бар асари табаддулоти давлатии 16 ноябри 1970 роҳбарии давлати ҷадидро бар ӯҳда дошт ва 12 марти 1971 Президенти Ҷумҳурии Сурия интихоб гардид. Дар раъйпурсиҳои с-ҳои 1978, 1985, 1992, 1999 пай дар пай мансаби президентиашро нигоҳ дошт. А. Ҳ. ҳангоми дар сари қудрат будан сиёсати мустаҳкам кардани ҳукумати марказӣ ва пурзӯр намудани ҳокимияти ҳизби ҳукмрони БААС-ро пеш мебурд. Новобаста ба кӯшишҳои чандинкаратаи мухолифин барои гузарондани табаддулот ва исёнҳо тавонист ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ дорад. Баъди марги А. Ҳ. писараш Башор Асад Президенти Сурия шуд.

Қ. Расулиён.

АСАДИ́Й ТУСӢ́ Абумансур Алӣ ибни Аҳмад (тақр. байни 1005 – 1010, Тус – 1073, Табрез), шоир ва олими форс-тоҷик. Айёми таҳсилро дар зодгоҳаш гузаронда, ғайр аз илмҳои расмӣ таъриху адабиёти арабӣ, форс-тоҷик, чуғрофия, илоҳиёт, тиб ва луғатро низ омӯхтааст. Яке аз ҷонибдорони ақоиди шуубия буд. Пайравӣ аз мазҳаби ташайюъ ва андешаҳои шуубиаш монеа барои рафтан ба дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 998 – 1030) шудаанд, чунки мазҳаб (ташайюъ) ва андешаҳои шуубиаш бо андешаҳои мазҳабии султон мухолифати том доштааст. Аз тангии рӯзгор А. Т. маҷбур шуд тарки диёр намуда, ба Нахҷувон равад. Ба хидмати ҳокими ин кишвар Абудулафи Дайронӣ роҳ ёфт ва вазъи зиндагиаш беҳтар гардид. Вай бо маслиҳати вазири Абудулаф Муҳаммад ибни Исмоили Ҳиссӣ ва бародари ӯ Иброҳим достони ҳамосии «Гаршоспнома»-ро, ки тақр. аз 9 ҳазор байт иборат буд, иншо кард. А. Т. ба сабабҳои номаъ-

лум аз Нахҷувон ба ш. Онӣ (имрӯз дар Арманистон аст) рафт. Ба хидмати дарбори ҳокими он шаҳр ба хушнудӣ қабул гардид ва муддате он ҷо монд. Чунонки аз манзумаи «Мунозираи найза ва камон» бармеояд, ӯ пири сафедмӯй шуда буд ва аз ҳоким иҷозати ба ватан баргаштанашро дархост менамояд. Эҳтимол ҳангоми бозгашт дар Табрез фавтидааст. Оромгоҳаш дар ҳамин шаҳр мебошад. Аз А. Т. мероси гаронбаҳое то замони мо расидааст. Ҳангоми таҳлилу баррасии осори боқимондааш метавон дид, ки навгониҳои ӯ дар соҳаи адабиёт ва фарҳанг бисёранд. А. Т. нахустин шоирест, ки дар пайравӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (баъди 58 сол) достони «Гаршоспнома»-ро эҷод кардааст. Ин асар идомаи ба назм даровардани қиссаву ривоятҳо ва устураҳои мардуми эронитабор (чунонки шеваи кори Фирдавсӣ буд), мебошад. Қиссаи Гаршосп дар «Шоҳнома» наомадааст. А. Т. дар таърихи адабиёти форс-тоҷик нахустин шоирест, ки ба навъи шеърии мунозара рӯй овардааст ва зоҳиран анъанаи мунозаранависиро, ки дар адабиёти паҳлавӣ вуҷуд дошт («Дарахти асурик») идома додааст. Ба қалами ӯ 5 мунозара –«Мунозараи Арабу Аҷам», «Мунозараи шабу рӯз», «Мунозараи осмону замин», «Мунозараи габру муслим», «Мунозараи найзаву камон» тааллуқ доранд. А. Т. яке аз нахустин фарҳангнависони форс-тоҷик низ ба шумор меравад. «Луғати фурс»-и ӯ (таълифаш с-ҳои 70 а. 11) қадимтарин фарҳанги форсии тоҷикӣ аст. А. Т. хушнависи хуб низ будааст. Вай рисолаи тиббии Абумансур Муваффақи Ҳиравӣ «Китоб-ул-абния» (1056)-ро китобат кардааст, ки ҳоло дар ш. Вена (Австрия) нигоҳдорӣ мешавад ва яке аз қадимтарин нусхаҳои хатии форсӣ аст. «Луғати фурс» на танҳо дар забоншиносӣ, балки дар адабиётшиносӣ ва таърих низ аҳамият дорад. Аз ҷумла, муҳаққиқон шакли дурусти баъзе байтҳои Рӯдакиро ба воситаи ҳамин асар муайян кардаанд.

Таҳқиқу баррасии рӯзгору осори А. Т. дар Шарқу Ғарб аз нимаи дуюми а. 19 оғоз ёфтааст. Муҳаққиқону шарқшиносони Европаро ривоятҳое, ки муаллифи «Тазкират-ул-шуаро» *Давлатшоҳи Самарқандӣ* оид ба А. Т. овардааст, ба роҳи ғалат бурд. Ба ривоятҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ такя карда донишманди олмонӣ Ҳ. *Эте* тахмин кардааст, ки бояд ду А. Т. гузашта бошад: яке падар – Аҳмад ибни Мансур, муаллифи мунозараҳо ва дигаре писар – Алӣ ибни Аҳмад муаллифи «Гаршоспнома», «Луғати фурс» ва хушнависи «Китоб-ул-абния». Ин ақида аз с. 1882 то с. 1934 ривоҷ дошт. Аммо олими рус К. И. Чайкин ин масъаларо омӯхта, ба хулосае омад, ки ҳикоятҳои Давлатшоҳ мухолифи якдигаранд, асоси воқеӣ надоранд. Бо номи А. Т. як кас маълум аст. Ин ақида аз ҷониби кулли олимони шарқшиноси Шарқу Ғарб ҷонибдорӣ гардидааст.

Ад.: Чайкин К. И., Асади старший и Асади младший, маҷм. «Фердовси», Л., 1934; Бертельс Е. Э., Пятое мунозаре Асади Тусского. Ученые записки Института востоковедения АН СССР, т. 19, М., 1958; ҳамон муалл., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Алии Мухаммади, Асади Туси и его поэма «Гершасп-наме», Д., 1994.

А. М. Хуросонӣ.

АСАДӢ, навъе аз харбузаҳои миёнасолӣ. Бештар дар вил. Суғд, водии Вахш, инчунин дар вил-ҳои Андиҷону Тошкент ва водии Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон паҳн шудааст. Баъди 80 – 85 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш тухмшакл, дарозиаш 25 – 27 см, вазнаш то 4 – 7 кг. Пӯсташ камтӯри зард, мағзаш сафеди нахдор, ғафсиаш 5 – 5,5 см, сершира, то 10% қанд дорад (таъмаш ношпӯтиро мемонад). Аз ҳар га 270 – 293 сентнер ҳосил мегиранд. А. аз чиҳати хуштаъмӣ дар байни харбузаҳои миёнсолӣ дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад.

АСАДУЛЛОЕВ Искандар Қурбонович (тав. 26 . 3. 1949, Душанбе), доктори илми фалсафа (2003). Хатмкардаи фак-ти таърихи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (1973). Солҳои 1973 – 75 лаборанти калони шӯъбаи фалсафаи АИ РСС Тоҷ., 1975 – 78 аспиранти ҳамин шӯъба, 1978 – 88 муаллим, муаллими калон, муовини декан, дотсенти кафедраи фалсафаи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 1989 – 91 лектор, мушовир, мудири шӯъбаи сотсиологияи КМ ҲК Тоҷикистон, 1991 – 93 муаллим ва дотсенти кафедраи фалсафаи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 1993 – 95 мудири Маркази тадқиқоти стратегии Ин-ти иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносиботи байналмиллалии АИ ҶТ, 1995 – 96 мухбири бахши русии радиои Озодӣ, 1996 – 98 ёвари Президенти ҶТ, 1998 – 2001 директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, 2001 – 07 ходими пешбари илмии Ин-ти фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ, 2007–10 и. в. проф. Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Аз апр. с. 2010 нафақагир.



Асадуллоев Искандар.



Асадуллоев Самад.

А. оид ба категорияҳо ва принсипҳои фалсафа тадқиқот анҷом дода, мушкилоти мавҷудияти принсипҳои мувофиқати генетикӣ ва гомеостазаи ҳамаҷонибаро ба миён гузоштааст, фарзия дар бораи маҳдудияти принсипҳои нигоҳдории масса ва энергия ($E = mc^2$)-ро пешниҳод намудааст. Асару мақолаҳои А. ба забонҳои русӣ, англисӣ, немисӣ, хитойӣ нашр шудаанд. А. дар конференсия ва симпозиумҳои илмии байналмиллалӣ дар Москва, Пекин, Шанхай, Мюнхен, Нию -Деҳлӣ, Токио, Лондон, Истамбул, Теҳрон, Варшава, Коломбо ва ғ. иштирок ва суханронӣ кардааст.

Ос: Экспансия подобия и логика гуманизма, Д., 1995; Таджикистан: пограничная зона и экспансия подобия, Д., 2000; Экспансия подобия, демократия и Таджикистан. (понятие, проблемы, аспекты), Д., 2002; После 11 сентября, Д., 2002; К вопросу о новых категориях философии, Д., 2005; Новые категории философии и философия политики, Д., 2006; Красота, любовь и вечное движение. 16 новых категорий: читая Аристотеля, Авиценну, Гегеля, Д., 2008; Любовь моя, демократия, Д., 2008; 20 новых категорий и принципов философии, Д., 2010.

АСАДУЛЛОЕВ Самад Ҳидоятович (тав. 9. 9. 1939, Самарқанд), духтури терапевт, доктори илмҳои тиб (1998), проф. (2000). Духтури тахассуси дараҷаи олӣ. Аълочии тандурустии СССР. Хатмкардаи фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (1963). Духтури минтақавии беморхонаи ноҳ. Қалъаихум (1963 – 64). Ординатори клиникӣ (1964 – 65) ва ассистенти кафедраи терапияи факултетӣ (1966 – 83), дотсент (1983 – 2000), проф. кафедраи бемориҳои даруни №2 ДДТТ (2000 – 03). Аз с. 2003 мудири кафедраи бемориҳои даруни №1-и ҳамин донишгоҳ. Оид ба масоили бемориҳои касбӣ, амрози дарун, микроэлементҳо тадқиқот мебарад. Дар мавзӯи «Хусусиятҳои клиникию патогенезии бемории ғалаёни хун дар сокинони ноҳияҳои мухталифи табиию иқлимии Тоҷикистон, масъалаҳои табобат ва пешгирӣ» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Ос.: Клинико-патогенетические особенности некоторых заболеваний у жителей различных природно-климатических регионов РТ. Научные

труды. Международная конференция «Горные регионы Центральной Азии. Проблемы устойчивого развития», Д., 1999 Особенности течения бронхиальной астмы в условиях высокогорного Памира. Материалы 4 международного конгресса пульманологов Центральной Азии, Астана, 2004; О синдроме Картагенера, мач. «Паёми Сино», №3, 2007.

АСАДУЛЛО́ЕВ Саъдулло (12. 9. 1932, деҳаи Қистакӯзи ноҳ. Хуҷанд – 26. 9. 1998, ш. Хуҷанд), адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1986), проф. (1987). Хатмкардаи УДТ (1955). Аспирант, муаллими кафедраи адабиёти тоҷик (1958 – 61), муаллими калон, мудовини декани фак-ти таъриху филологияи УДТ (1961 – 65), мудири кафедраи адабиёти тоҷик (1965 – 81), проректори Шӯъбаи ғоибонаи Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод (1981 – 86) буд. Аз с. 1986 мудири кафедраи адабиёти тоҷики ин-ти мазкур. А. ба омӯзиши масъалаҳои таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик машғул шуда, дастурҳои методӣ, як силсила тадқиқот – «Абҷад ва таърихҳо» (1972, ҳамроҳи М. Оқилов), «Баъзе истилоҳоти мусиқӣ ва суруду навоҳо дар ашъори Ҳофиз» ва ғ.-ро анҷом додааст. Ба қалами А. зиёда аз 200 таълифот – монографияҳову рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ тааллуқ доранд. А. мураттиби маҷмӯаҳои «Намунаҳои зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикон ва ӯзбекони вилояти Қатағани Афғонистон» (1963), «Матнҳои мунтахаб» (Хрестоматия барои курси матни классикӣ, 1968) мебошад. Асосгузор ва нахустпрезиденти Академияи Камоли Хуҷандӣ (1991).



Ос.: Амир Хусрави Деҳлавӣ, Д., 1975; «Лайли и Маджнун», Д., 1981; Худомӯзии алифбои форсии тоҷикӣ, Х., 1992; Камоли Хуҷандӣ, Х., 1996.

АСАДУЛЛО́ҲИ ШЕРОЗӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1851), хаттот ва хушнависи эронӣ. Муҳаммадшоҳи Қоҷор ба ӯ лақаби «Котибуссултон» дода буд. И. Ш. хатро бештар бо рангҳои гуногун навиштааст. Аз навиштаҳои ӯ намунаҳо боқӣ мондаанд, ки нусхаи «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор (китобаташ 1938) аз ҷумлаи онҳост.

М. Муллоаҳмадов.

АСАКА́ (1937 – 91 – Ленинск), шаҳр дар вил. Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, маркази маъмурии ноҳ. Асака. 4 км дуртар аз истгоҳи Асакаи р. о.-и Тошкент – Андиҷон воқеъ гардидааст. Аҳолиаш 56,8 ҳазор нафар (2005). Муҳаққиқон тахмин кардаанд, ки номи А. аз калимаи «асвака» («аспакӣ», яъне аспсавор) баромада, мансуб ба сакоиҳои маскуни ин мавзеъ дар а-ҳои 6 – 5 то м. мебошад. Мавзеи А. дар асарҳои «Таърихи ҷаҳоннамо» ва «Таърихи Хӯқанд»-и Авазмуҳаммади Аттор (а. 10) қайд гардидааст. Наҳри дар а. 18 бунёдгардидаи Шаҳрихонсой ба равнақи А. мусоидат кардааст. Соли 1887 ҳангоми сохтани р. о.-и Тошкент – Андиҷон ба А. низ шохаи 4-километра кашиданд. Ин боис шуд, ки саноатчиёни хориҷӣ ва рус дар А. з-дҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ созанд. Дар ибт. а. 20 А. 2 ҳазор аҳолӣ дошт. Дар давраи баъди ҶБВ (1941 – 45) з-ди таъмири моторҳо, конҳои нефти Андиҷон ва Полвонтош, кони гази Хӯҷаобод ба кор даромаданд. Солҳои 60 – 90 а. 20 дар А. корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, з-ди нави пахтатозакунӣ. корхонаҳои истеҳсоли таҷҳизоти электротехникӣ, масолеҳи сохтмон, конструксияҳои оҳанубетонӣ, ф-каи нассоҷӣ ба истифода дода шуданд. Соли 1996 дар А. корхонаи муштараки «ӮзДЭУавто» (бо Консерни кореягии «DAEWOO») истеҳсоли мошинҳои сабукрави «Тико» ва «Нексия», микроавтобуси «Дамас»-ро ба роҳ монд. Дертар з-дҳои истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии «Ӯз-Донг-Вонг», «Анзис», корхонаи муштараки «ФАМ» (бо Италия, истеҳсоли макарон) ба кор сар кардаанд. Дар А. ҳоло 12 корхонаи бузурги саноатӣ фаъолият мекунанд. Дар он коллеҷи касбии хизмати маишӣ, техникуми савдо, омӯзишгоҳи педагогӣ, литсеи академӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, дармонгоҳҳо, кинотеатру клубҳо, китобхонаву варзишгоҳҳо, Театри вилоятии драмаи мусиқӣ фаъолият доранд. Рӯзномаи шаҳр – «Асака оқшоми» («Шоми Асака»).

М. Воҳид.

АСАЛ, ангубин, ангабин, шаҳд, маводи ширини қиёммонандест, ки *занбӯри асал* аз шираи гулҳо барои ғизои худ ҳосил мекунад; ғизои пурғавонати инсон. Таркиби химиявии А. ба намуди растанӣ, шароити маҳал ва фасли сол вобаста аст. А.-и гул беҳтарин навъи А. буда, 15 –20% об, 80 – 85% карбогидрат (глюкоза, фруктоза, сахароза, малтоза) ва 0,4% сафеда дорад. Дар таркиби А. 15 кислотаи органикӣ (кислотаи себ, ҷавҳари лиму, кислотаи глюконат ва ғ.), ферментҳои гуногун (амилаза, каталаза, глюкозооксидаза ва ғ.), қариб 50 анвои моддаи хушбӯй, 35 маводи минералӣ, витаминҳои B_2, PP, C, B_6, K, E ва бисёр алколоиду моддаҳои рангдеҳ мавҷуданд. Вазни хоси А. 1,416 (ҳангоми 20% будани оби таркибаш) аст; 1 кг А. 3200 калория гармӣ медиҳад. А.-е, ки занбӯр нав ҳосил кардааст, моеъ мебошад. Минбаъд дар натиҷаи бухор шудани об А. расида, ғализ мешавад. Баъд аз расидани А. занбӯр сӯрохҳои *шонро* бо мум маҳкам мекунад. А.-и нав кашида дар вақти бисёр нигоҳ доштан тадриҷан сахт шавад ҳам, сифаташ тағйир намеёбад. Ҳангоми муайян кардани сифати А. пеш аз ҳама ғилзат, часпакӣ, таъм, бӯй, ранг, мавҷудияти кафк, ҳубобчаҳои ҳаво ва ғ-ро ба эътибор мегиранд. Ранги А. сафед (А.-и кипрей), зард (А.-и ақоқиё, зирфун, офтобпараст), бӯри тира (А.-и марҷумак ва хуланҷ) мешавад ва дар вақти гарм кардан (то 37°C), сиёҳтоб мегардад. Таъм ва бӯи А. ба ширai гул вобаста аст. А.-и шакарак тираранг ва гоҳо бадтаъму бебӯй мешавад. Ин навъи А. нисбат ба А.-и гул сахароза, моддаҳои минералӣ ва кислотаҳои органикии бештар дорад.

Миқдори шаҳди гул гуногун аст. Дарахтони мева бинобар бармаҳал гул кардан оилаи занбӯри А.-ро навбаҳорон бо ғизо таъмин мекунанд. Занбӯрҳо шаҳд ғундошта, бо ҳамин гули дарахтонро гардолуд менамоянд. Аз дарахтони мева хусусан гули гелос, себ, нок, олуболу, олу, бектошӣ, қот, тамашк сершаҳд мебошанд. Занбӯр аз 1 га боғоти дарахтони мева 20 – 30 кг, бектошӣ то 50 – 60 кг ва тамашкзор то 100 кг А. ҳосил мекунад. Баъзе солҳо дар натиҷаи мусоид омадани обу ҳаво аз 1 га тамашкзор то 200 кг А. гирифта мешавад. Гули дарахтони субтропикӣ – афлесун, норанҷ, лиму, шафтолу,



бодом, биҳӣ ва ғ. низ сершаҳд аст. А.-ро аз шонҳо бо *асалкашак* ва баъзан фишурда мегиранд.

А. ғизои хушҳазм буда, аз қадимулайём чун даво низ истифода мешавад. Ба ақидаи Ҷолинус «...ҳеҷ чиз беҳтар аз асал нест дар нафъ аз барои бадан ва илочи аксари маразҳо ва расонандаи қуввати давоҳост бо суръат дар тамоми бадан». Абуалии Сино А.-ро давои васеъ ва тозакунандаи рагҳо, хоричкунандаи фасоди аъзои дохилӣ, пешгирикунандаи хирагии чашм ва барҳамдиҳандаи дарди гулӯ ҳисобидааст. Муҳаммадҳусайн ибни Муҳаммади Окилӣ дар *«Махзан-ул- адвия»* овардааст, ки А. «...чиҳати танқияи садр ва қасабаи рия ва истиско, яракон ва сипурз ва барҳам додани сангҳои гурдаву масона ва душвории бавл ва анвоъи риёҳ ва барои дафъи сумум (захрҳо) нофеъ аст».

А. мубодилаи моддаҳои организмро мураттаб карда, сурфа, бемориҳои меъдаву рӯда, дил, ҷигар ва ғ-ро шифо мебахшад. Бо мақсади хушбӯй гардондан ё додани рангу таъми дилхоҳ баъзан чанд навъ А.-и аз растаниҳои гуногун ҳосилкардаро ба ҳам меомезанд.

А.-ро дар чалакҳое, ки аз чӯби зирфун, бук, чинор, сангбед (верба), чалғӯза (кедр) ва роздор сохта шудаанд, нигоҳ медоранд. Қабл аз андохтани А. чалакҳоро бо оби гарму сода шуста, мум ё парафини тоза (аз дарун) молидан лозим аст. А.-ро тавре бояд нигоҳ дошт, ки бӯи чизҳои дигар ба он нарасад. Баъзан ба ҷойҳои дур А.-ро дар бидонҳо (25 кг) ҳам мебаранд. Дар бидон ё чалак номи хоҷагӣ, навъ, мӯҳлати кашида шудан ва вазни А. навишта мешавад. А.-ро, одатан, дар зарфҳои шишагии даҳонашон маҳкам ба фурӯш мебароранд.

Соли 2008 дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ 134480, аз ҷумла дар муассисаҳои кишоварзӣ 7045, аҳолӣ 117780 ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 9655 оилаи занбӯри асал мавҷуд буд. Соли 2009 дар Тоҷикистон 2699 т А. истеҳсол карда шудааст. Дар ш. Душанбе ҳар сол «Иди асал» бо шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифта мешавад. Дар он асалпарварон аз тамоми шаҳру навоҳӣ маҳсулоти худро барои намоиш ва фурӯш мегузоранд.Ниг. низ *Асалгирӣ, Занбӯрпарварӣ*.

Ад.: Ҳикмати асрҳо (мураттибон А. В. Капранов, Раҳим Ҳошим), Д., 1975; Каблуков И. А., О мёде, воске, пчелином клее и их подмесях, М., 1941; Темнов В. А., Технология продуктов пчеловодства, М., 1967; Младенов С., Мед и медолечение, София, 1969; Глухов М. М., Медоносные растения, М., 1974; Поправно С. А., Растения и пчёлы, М., 1985; Белик Э. В., Пчеловод. Словарь-справочник, Донецк, 2007; Хорн Х., Все о меде: производство, получение, экологическая чистота и сбыт, М., 2007; Черевко Ю. А., Аветисян Г. А., Пчеловодство, М., 2007; Гребенников Е. А., Лечение медом, продуктами пчеловодства и мумиё, Минск, 2007.

Н. Қаҳҳоров.

АСАЛКАША́К, асалгирак, асбобест барои аз *шонҳо* кашидани асал. А.-ро с. 1865 занбӯрпарвари чех Грушк ихтироъ кардааст. А. аз бак, барабан-ротор ва дастак иборат аст. Тарзи кори ҳамаи А.-ҳо як хел мебошад. Барои гирифтани асал шонро ба барабан мегузоранд. Дар натиҷаи давр занондани дастаи А. барабан бо суръати баланд чарх зада, асалро аз шонҳо пош медиҳад. Асали пошхӯрда аз танаи бак шорида, дар таги он ҷамъ ва сонӣ ба воситаи ҷумак хориҷ мешавад. Баки А.-ро аз алюминий, пӯлод ва тунукаи руҳандуд месозанд. Вобаста ба тарзи гузоштани шон А. хордавӣ ва радиусӣ мешавад. Дар А.-ҳои хордавӣ асалро аввал аз як тараф ва сонӣ аз тарафи дигари шон (дар 3 – 4 дақ.) мекашанд. А.-и хордавӣ 3 навъ мешавад: нагарданда (шонҳоро бо даст гирифта, тарафи дигарашро мегузоранд), гарданда (шонҳоро бо даст мисли варақи китоб ё ҳамаашонро якбора бо дастак мегардонанд) ва автоматӣ (ҳамаи шонҳо дар натиҷаи боздоштани ротор ё ҳангоми баръакс тоб додани дастаи А. рӯгардон мешаванд). А.-ҳои хордавиро барои чанд шон (2, 3, 4, 6, 8 ва зиёдтар) месозанд. Дар А.-и радиусӣ якбора 20 – 50 шон гузоштан мумкин. Бо ин навъ А. асал нисбатан суст (яъне дар 8 – 15 дақ.) кашида шавад ҳам, маҳсулнокии он бинобар бисёр ҷойгир шудани шонҳо зиёд аст. Бо А.-и радиусӣ асалро якбора аз ҳар ду тарафи шон мегиранд. А. дар хоҷагиҳои занбӯрпарвории ҷумҳурӣ фаровон истифода мешавад.



Асалкашаки хордавӣ.

АСАЛРИШҚА́ (Melilotus officinalis), зарбеда, говришқа, хархӯр, гиёҳест ювучқамонанд. Пояш рост, сершох, пашмакдор (30 – 200 см қад мекашад). Баргаш думчадор, мураккаб, яъне аз 3 баргча (себарга) иборат аст. Гулаш зард, хушбӯй (моҳҳои май – июн мешукуфад). Мева, яъне ғилофакаш байзашакл (дарозиаш 3 – 4 мм), хокистарранг, пурчин, нӯгаш дарафшвор борик (аз июл то ох. тирамоҳ тухм мебандад). Тухмаш байзашакл (дарозиаш 1,8 – 2,2 мм), зардтоб (вазни 1000-тоаш то 2,3 г). А., одатан, дар алафзор, дашт, ҷангалзори гармсер ва паҳнбарг, буттазору арчазор, соҳили дарёҳо (қ-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, мавзеъҳои воҳаи д. Сир, ҷан.


Асалришқа.

ва шарқи Тоҷикистон, Помири Ғарбӣ; 550 – 2600 м баландтар аз с. б.) чун алафи бегона дар киштзори гандум, ҷав, ювучқа ва пахта меруяд. Онро чун зироати хӯроки чорво кишт мекунанд. Алафи серҳосил буда, ғизонокии он баробари лӯбиёиҳо (мас., себарга, ювучқа ва ғ.) аст. Аз ҳар га кишти А. то 400 (дар баъзе хоҷагиҳо то 700) сентнер тарбеда ғундоштан мумкин. Дар шӯрзамин ва регбум ҳам назар ба алафҳои хӯшадор ва ювучқа ҳосили хуб медиҳад; аз ҳар га кишти А. соли аввал 26,2 ва соли дуюм 36,2 сентнер хошок гирифтаанд. А.-ро бо ювучқа, себаргаи сурх, эспарсет, бомас, нармак ва ғ. низ омехта кишт мекунанд. А. силоси хуб мешавад. Тарбеда ё силоси маргзодаи он барои чорво хавфнок аст.

А. гиёҳи доруист. Появу шохчаҳои сербарги онро то гулшукуфт ғундошта, дар ҷои сояву шамолрас мехушконанд. А.-и хушк хушбӯй аст. Табибони халқӣ ҷӯшоби онро чун доруи балғамовар, бодрон, хобовар ва му-

саккин тавсия медиҳанд. Дикумарин (дикумарол) ном доруе, ки аз А. тайёр мекунанд, чун давои хунбанд истифода мешавад. А.-ро дар атриёт, истеҳсоли машрубот ва панир низ кор мефармоянд. Дар 1 га киштзори А. дар шароити мусоид 1,8 млрд гул мешукуфад; аз он 600 кг асали хушбӯй метавон гирифт.

А. 0,4 – 0,9% кумарин, 0,01% равғани эфир, каротин, витаминҳои Е, С (то 370 мг%), то 4,3% моддаҳои равғанмонанд, то 17,6% сафеда ва ғ. дорад. Дар тухмаш то 41,9% сафеда ва 8,5% равған, қариб 9% оҳар, 0,1% – 0,5% тригонеллин ҳаст.

Ад.: Суворов В. В., Донник, М. – Л., 1962; Величка П. К., Донник, Алма-Ата, 1969; Артюков Н. В., Донник, М., 1973; Флора Таджикской ССР, т. 5, Л., 1978.

М. Ҳоҷиматов.

АСАРДУЗДӢ, плагиат, барқасдона ва дидаю дониста аз худ намудани муаллифият ба асари шахси дигар (дар ҳаҷми пурра ё қисман). Сарфи назар аз нашри мавод амали шахс А. дониста мешавад. Ба ҳаммуаллифӣ маҷбур намудан низ А. ба ҳисоб мешавад. А.-ро бояд аз тақлид, пайравӣ, истифода, ҳаммуаллифӣ ва дигар ҳолатҳои монанд фарқ кард. Инчунин, истифодаи мазмуни асар аз тарафи шахси дигар А. дониста намешавад. Объекти А. на мазмун, балки шакли он мебошад. Бинобар ин, эҷоди асар дар мавзӯъ ва бо номи, барои мисол: «Лайлӣ ва Маҷнун», «Тоҷикон» ва ғ. А. нест.

Аксаран А. дар шакли нашри асари ғайр бо номи худ, истифодаи қисми асари шахси дигар бидуни истинод ба манбаъ ифода меёбад. Аломати асосии А. ин соҳибият ба муаллифӣ аст. Роҳҳои вайронкунии ҳақуқи муаллиф дар адабиёти ҳуқуқӣ «роҳзанӣ» ном гирифтааст. Ин мафҳум васеъ аст ва А. як ҷузъи онро ташкил медиҳад. Эҷод дар асоси тадқиқот ва асари шахси дигар бидуни коркарди манбаъҳои дигар *компилятсия* (лот. compilatio – ғорат) ном дорад. Аз замоне, ки фикри инсон дар шакли муайян таҷассум ёфт ва асар ба муаллифи он обрӯву даромади молиявӣ овард, А. ба мушоҳида мерасад. Дар байни эҷодкорон ва умуман ҷомеаи ҷаҳон, чунин шахсон маҳкум мешуданд ва ин амал бо истилоҳи гуногун *plagiatus* (лот. – *дуздидашуда*) ва сирқат (форсӣ-тоҷикӣ – *шеърдузд*), вале ба як маъно – азхудкунандаи эҷоди (асари) шахси дигар, истифода мешуд. А. дар маънии зикршуда дар забонҳои европоӣ аз а. 17 инҷониб дар шакли «плагиат» (фр. – plagiat) истифода мешавад. Дар ҳуқуқи римӣ (plagium – тасарруф, дуздӣ) маънои фурӯхтани шахси озодро ба ғуломӣ дошт, ки барои он ҷазо дар шакли қамчинкорӣ (ad plagas) пешбинӣ шуда буд. Дуздии моликияти адабӣ дар ибтидо plagium litterarium ном дошт.

Дар адабиёти форсу тоҷик бе иҷозат истифода кардан ва гузашта аз он бо номи шахси дигар муаррифӣ намудани асари муаллифи ҳақиқӣ дар байни аҳли эҷод сахт маҳкум мешуд. Мас., Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ донишманди маъруф ва дақиқназари а. 13-и форсу тоҷик дар китобаш «Ал-мӯъҷам фи маъойири-ил ашъор-ил Аҷам» (таълифаш байни с-ҳои 1217 – 23) навиштааст: «Пайравӣ ба накугӯён накӯ ояд, на ба бадгӯён. Инчунин шоир бояд ки шеъри шоиронро ғорат накунад (яъне надуздад) ва маънои эшонро ба тағйири вазну ихтилофи алфоз дар шеъри худ ба кор набарад, ки мулки мардум ба тасарруфи фосид (нораво), тамаллук (аз худ кардан) напазирад ва сухани дигарон ба хештан бас тан далолат бар фазл накунад». Чунин андешароиҳо дар адабиёти форсу тоҷик зиёданд ва он далолат бар он мекунад, ки ин масъалаи имрӯз набуда, таърихи тӯлонӣ дорад.

Мутобиқи қонун ва созишномаҳои байналмилалии соҳавӣ, аз ҷумла Конвенсияи Берн оид ба ҳимояи асарҳои адабӣ ва бадеӣ ҳуқуқи муаллифият яке аз ҳуқуқҳои муҳими шахсии ғайриамволии муаллиф маҳсуб мегардад. Мутобиқи диспозитсияи моддаи 156 Кодекси ҷиноятии ҶТ аз худ кардани муаллифият ҳангоми ба миқдори калон зарар овардан амали ҷиноӣ дониста мешавад. Вайрон кардани дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии дорандагони ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он объекти ҷиноятӣ пазируфта намешавад ва онҳо ҷавобгарии граждани ва маъмуриро ба вуҷуд меоваранд. Ҳуқуқи муаллифият аз лаҳзаҳои эҷоди асар ба вуҷуд меояд. Барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи мазкур хусусияти эҷодӣ ва дар ягон шакли объективӣ истифода ёфтани асар муҳим аст. Яъне барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи шахси ғайриамволӣ (ҳуқуқи муаллифият) мазмуни асар ва интишори он аҳамият надорад.

Мувофиқи қонунгузории ҶТ вайронкунандаи ҳуқуқ дар ду ҳолат ба ҷазои ҷиноятӣ кашида мешавад: истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва азхуд намудани муаллифият ба асари шахси дигар, агар ин амалҳо зарари калон расонанд.

Барои асардуздро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, бояд ба ҳолатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят таваҷҷӯҳ намуд. Ҳолатҳои объективии ҷиноятӣ метавонанд аз як ва ё якчанд амалҳо иборат бошанд. Ин қабл аз ҳама аз худ намудани муаллифият ба асар ва истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он мебошад, агар ин ҷиноят ба соҳибҳуқуқ зарари калон ворид созад. Аз ин рӯ, дар эзоҳи моддаи 156 таҳти мафҳуми зарари калон зарараре фаҳмида мешавад, ки он аз андозаи маоши ҳади ақал як ҳазор маротиба зиёд бошад. Тарафи субъективии ҷиноят ин қасдан содир кардани ҷиноят мебошад. Яъне шахсе, ки асари шахси дигарро дуздида, дидаву дониста ва барқасдона ин амалро ба ҷо меоварад.

Ба унсури ҳифзнашавандаи асарҳои адабиёти бадеӣ мавзӯъ, маводи асар, асоси сужет ва мазмуни ғоявии он дохил мешаванд. Мас., ҳар шахс метавонад айнан дар бораи як ҳодиса, қаҳрамонҳои мушаххас ва ё мавзӯи муайяне асар офарад, ба қаҳрамонҳо ва воқеаҳо аз назари худ баҳо диҳад, вале образ ва забони асарҳо бояд яке аз дигаре тафовут дошта бошанд. Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқи муаллиф унсурҳои асосии ҳифзшавандаи асар ин образҳо ва забони он мебошанд. Зери мафҳумии унсурҳои бадеӣ дар санъат қабл аз ҳама шакли инъикоси воқеият, ифодаи фикр ва ҳиссиёти офаранда фаҳмида мешаванд. Унсури дигари ҳифзшавандаи асар забони он маҳсуб мегардад. Дар он муаллиф хусусиятҳо, тарзу услуби ба худ хоси эҷоди образҳои бадеиро истифода мебарад. Яъне ӯ воситаҳои тасвиру ифодаҳои ба худ хосеро, ки шахси дигар онро айнан, сад дар сад ифода намекунад, мавриди истифода қарор медиҳад. Аз ин рӯ, агар ду муаллиф дар як мавзӯъ асар эҷод кунанд ҳам, шаклҳои дохилӣ ва берунии он аз ҳам фарқ мекунад. Дар ҳолати як ба як иншо шудани тамоми унсурҳои ду асар, яке аз онҳо асари аслӣ маҳсуб намешавад.

Ҳуқуқи муаллифият дар ягон ҳолат ба шахси дигар намегузарад ва ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи мазкур истифодабаранда ҳамчун асардузд дониста мешавад. Шахси ҷабрдида, ки асарашро «дуздидаанд», чиҳати ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда метавонад аз чораҳои ҳуқуқии граждани (эътирофи муаллифият, манъ намуда-

ни амали мазкур ва барқарор намудан ба вазъи пештара, рӯёндани товони зиён, ҷуброни зарари маънавӣ ва ғ.) истифода барад. Ҳангоми ошкор шудани А. дар асаре, ки мавзӯи шартномаи муаллифии табъу нашр мебошад, нашриёт метавонад шартномаро бекор карда, ҳақи қалами пардохташро бозпас гирад.

Н. Муқимов, Ш.Бадалов.

АСБА́ҒИ СИҶИСТОНӢ Асбағ ибни Абдулазиз ибни Салим (с. тав. ва ваф. номаълум), адиб ва мутарҷими эронинажоди араб (а. 8). Пайрави ҷараёни *шуубия*. Дар Басра ва Бағдод (дар ох. умр) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар ҷамъияти адабии Ҳаммоди Аҷрад ба Башор ибни Бурд, Лоҳиқӣ (адибони эронинажод) ҳамкорӣ дошт. Аз забони паҳлавӣ «Китоби Синд бод»-ро ба арабӣ тарҷума кард. Дӯсташ Лоҳиқӣ онро ба назм гардонд.

Н. Зоҳидов.

АСБЕ́СТ (юн. asbestos – вайроннашаванда), номи умумии минералҳои ғоздори гурӯҳи *серпентин* (хризотил – асбест) ва гурӯҳи амфиболҳо (амфибол-асбест). А. ба осонӣ ғоз медиҳад. Дарозии ғозаш аз якчанд мм то 50 мм расида, мисли абрешим ҷило медиҳад; дар оташ намесӯзад, гармӣ ва ҷараёни электрикиро бад мегузаронад, ба кислотаю ишқор тобовар аст. Конҳои хризотил–асбест дар натиҷаи ба ҷинсҳои ултраасосии аз магнезий бой таъсир расондани маҳлулҳои гидротермалӣ ба вуҷуд меоянд. Конҳои амфибол-асбест бо ҷинсҳои метаморфӣ алоқаманданд. Солҳои охир маснуоти дар асоси А. истеҳсолшаванда аз 2000 номгӯй бештар аст. Аз хризотил-асбест ҳар гуна матову либосҳои оташтобовар, коғазу партовҳои асбестӣ, қубурҳои асбосементӣ, асбошифер, маснуоти термоизолятсионӣ ва ғ. тайёр мекунанд. Амфибол-семент ба таъсири кислотаю ишқор тобовар буда, дар саноати химия ба кор бурда мешавад. Конҳои калони А. дар Россия ва Қазоқистон мавҷуданд. Дар Тоҷикистон кони А. дар қ-кӯҳҳои Дарвоз, Қурама ва Зарафшон мавҷуд аст.

АСБЕСТОТСЕМЕ́НТ, масолеҳи бинокорӣ, ки аз омехтаи обии *семент* ва *асбест* ҳосил карда мешавад. Ба 100 ҳисса (аз рӯи масса) портландсементи тамғаи 500 аз 12 то 20 ҳисса асбест илова мекунанд. Азбаски наҳҳои асбест хусусияти мазбуткунӣ дорад, А. то сахт шудани семент ҳам ба қадри кофӣ мустаҳкам ва нарм аст. Ин хосиятҳо имкон медиҳанд, ки аз варақаҳои А.-и ғафсиаш 5 – 10 мм маснуоти гуногун тайёр карда шавад. Баъди сахт шудан А. дорои хусусиятҳои аълои физикавию механикӣ (мустаҳкамӣ, бадоштӣ, обногузар ва ба сармою гармо тобовар, аз ҷиҳати химиявӣ устувор ва ғ.) мегардад. Зичиаш 1550 – 1950 кг/м³. Хусусиятҳои номатлуби А. – мӯртӣ ва тазйиқпазириро (ҳангоми тағйири намӣ) пас аз гидрофобизатсия бартараф кардан мумкин аст.

АСБО́Б, деҳа дар ҷамоати деҳоти Работи ноҳ. Турсунзода. Аз А. то маркази ноҳия 2 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2411 нафар (2009), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

АСБОБИ ИОНӢ, асбобе, ки дар асоси истифодаи навъҳои гуногуни *тахлияи электрикӣ дар газҳо* (газҳои инертӣ, гидроген) ё дар буғҳои металл сохта шудааст. Намунаи содатарини А. и. диод мебошад, ки шишаи он бо гази инертӣ ё буғи симоб пур аст. Хусусиятҳои А. и. бо таъсири мутақобили сели электронҳо ва атому молекулаҳои муҳити газӣ ва майдони электрикии байни аноду термокатод (ё катоди сард) муайян карда мешавад. Электронҳо ҳангоми аз анод сӯи катод ҳаракат кардан атому молекулаҳои газро иондор мекунанд; дар фазои байни электродҳои А. и. ионҳои мусбат ва электронҳои нав пайдо мешаванд. Азбаски ионҳои мусбат заряди фазои электронҳоро пур мекунанд, ҳангоми дар А. и. хурд будани фарқи потенсиалҳои байни электродҳо ҳам қувваи ҷараёни зиёд ҳосил кардан мумкин аст; барои идора кардани лаҳзаи пайдоиши тахлия ба А. и. электродҳои иловагӣ (тӯр, анодҳои фаръӣ ва ғ.) мешинонанд. Зиёда аз 50 намуди асбобҳои ионӣ мавҷуданд, ки дар онҳо ин ё он хусусияти тахлияи электрикӣ истифода мешавад.

АСБО́БИ ЧЕНКУНАНДА́И ПНЕВМАТИКӢ, дар мошинсозӣ воситаи ченкунии андозаҳои хаттии қисмҳои мошин ва механизмҳо аз рӯи сарфи ҳавое, ки зери фишор аз шайпура мебарояд. Қисмеро, ки андозаи хаттии он бояд чен карда шавад, дар назди шайпура дар масофаи муайян нигоҳ медоранд. Вобаста ба андозаи қисм фосилаи байни қисм ва нӯги шайпура тағйир меёбад; ба туфайли ин сарфи ҳаво – ҳаҷми ҳавои аз сӯрохӣ ҷоришаванда дигар мешавад. А. с-ҳои 20 а. 20 дар Франсия сохта шудааст. А. ротаметрӣ ва монометрӣ мешавад. А.-ро дар системаҳои назорати фаъол ва автоматҳои назоратӣ истифода мебаранд. Афзалияти А.: сохти нисбатан сода, имконияти аз масофа чен кардани сатҳи муоинашаванда ҳангоми бо ҳаво тоза кардани он, қобилияти калонкунӣ дар вақти ченкунӣ (то 10 ҳазор маротиба), саҳеҳияти калон, имконияти муайян намудани андоза, хатоиҳои шаклҳо, ҷамъу тарҳи бузургиҳои ченшаванда, қабули ахбори пай дар пай ва андозагирии фосилавӣ.

АСБО́БИ ЧЕНКУНАНДА́И РАҚАМӢ, асбобе, ки дар он бузургии ченшаванда (шиддат, ҷараён, муқовимат ва ғ.) аввал ба рамзи муайян табдил дода шуда, сипас муодили рақамии он дар шакли сигнали рақамӣ дар индикатори махсус инъикос меёбад. Амперметр, волтметр, омметр, басомадсанҷ, фазаметрҳои рақамӣ истеҳсол мешаванд. Дар А.-и электромеханикӣ унсурҳои тамосии дарачаи саҳеҳии ченкуниашон баланд (хатои ченкунӣ 0,01–0,1%), дар А.-и электронӣ унсурҳои бетамоси ғайриинертсионӣ (хатои ченкунӣ 0,1–0,5%) истифода мешаванд. А. барои ҳисобу сабти натиҷаҳои ченкунӣ хеле муносиб буда, саҳеҳии баланд дорад; онро якҷоя бо олоти автоматии ҳисоб кор фармудан имконпазир аст.

АСБО́БИ ЧЕНКУНАНДА́И ХУДНАВИ́С, асбоби ченкунандае, ки нишондоди худро дар шакли диаграмма сабт мекунад. А. барои сабти як ё якчанд бузургии физикӣ (шиддат, ҷараён, муқовимат, ҳарорат ва ғ.) вобаста ба вақт ё дигар бузургиҳои физикӣ истифода мешавад. Асбоби ченкунандае, ки ба қисми мутаҳаррики он ҷузвҳои худнавис, мас., перо, қалам, найчаи капиллярӣ ва ғ. васл карда шуда, дар рӯи навори коғазӣ навиштае мегузорад, одитарин А. мебошад. Барои дар як вақт қайд кардани якчанд бузургии тағйирёбанда А.-ро бо ададӣ зарурии унсурҳои сабткунанда меҷиҳозонанд. Диаграммаи ҳосилшуда дар ин сурат ду бузургиро нишон медиҳад: қимати бузургиҳои ченшаванда ва тағйири онҳо вобаста ба вақт. Инкишофи усулҳои рақамии ченкунӣ ва татбиқи ҳисобмошинҳои электронӣ техникаи ҳисобу китоби натиҷаҳои таҷрибаро хеле пеш бурд. Дар натиҷа, А.-ҳое сохта шуданд, ки бузургиҳои электрикӣ ва ғайриэлектрикиро дар

шакли рақамҳо нишон медиҳанд. Ин навъи сабти ахбор имкон медиҳад, ки тағйири як бузургӣ бо мурури тағйир ёфтани бузургиҳои дигар дар ҳар фосилаи вақт сабт шуда, раванди технологӣ назорат карда шавад.

АСБО́БИ ЧЎБГУЛ, маҷмӯи олоти ҳунармандӣ, ки асосан барои кандакории чӯб истифода мешаванд. Устоҳо ҳангоми кандакорӣ аз А. Ч. (ҷадвал, паргор, ранда, сӯҳон, арра, искана ва ғ.) истифода мебаранд. Баргак, найчақалам, марғӯлаи кӯфӣ, марғӯла, қалами тоқбардорӣ асбобҳоеанд, ки ҳангоми кандакории иловагӣ истифода мешаванд. Бо «қалами ростак» («қалами нова», «баргаки ростак») дар чӯб ҳар гуна нақшу нигор канда мешавад. Гурсумба аз пӯлод сохта шуда, ба қалами тезкарда монанд аст ва 7 – 10 см дарозӣ дорад.

АСБО́БИ ШУНАВОЙ, ҷиҳозест барои баланд кардани садо. Аз А. ш. одамони гӯшвазнин ё тамоман кар истифода мекунанд. Аз микрофон, тақвиятдиҳандаи қувватфизои лаппишҳои электрикӣ, телефон ва манбаи электрикӣ иборат аст. Лаппишҳои садоро микрофон қабул карда, ба лаппишҳои электрии басомади садо табдил медиҳад. Дар қувватфизои электронӣ ин лаппишҳо то дараҷаи зарурӣ пурқувват гардида, ба телефон роҳ меёбанд ва дар он ҷо боз ба садо мубаддал мешаванд. Вобаста ба хусусияти заъфи шунавоӣ, дар А. ш. телефонҳои садогузарони ҳавоӣ ва устухониро кор мефармоянд. Телефони ҳавоӣ бевосита ба сӯрохи гӯш гузошта мешавад; телефони устухониро ба гӯш мечаспонанд. А. ш. гуногун мешавад. Мас., А. ш.-и кисагӣ (аз микрофон, қувватфизо ва манбаи энергия иборат аст) мисли қуттии гӯгирд буда, дар кисаи пеши сина гузошта мешавад; телефонро, ки ба танаи қуттӣ бо сими борик пайваст аст, ба воситаи замимаи махсус ба сӯрохии гӯш мегузоранд. Намуди маъмули А. ш. «пушти гӯшак» ном дорад. Он бисёр хурд буда, дар паси гӯш гузошта мешавад (садогузарро ба сӯрохи беруни гӯш мегузоранд). А. ш.-и «айнак» аз «пушти гӯшак» фарқ мекунад. Ҳамаи қисмҳои он (ғайри телефон) дар дастаи айнак ҷой дода шудаанд. Дар А. ш.-и «замима» микрофон, қувватфизо, телефон ва манбаи энергия дар як қуттича ҷой гирифтаанд; онро дар суфраи гӯш ва сӯрохи беруни шунавоӣ гузоштан мумкин аст. А. ш. садоро дар диапазони басомадҳои 200 – 4000 Гтс (бо андаке таҳриф) таҷдид мекунад. Дар баъзе А. ш. садоро автоматӣ ё дастӣ танзим кардан мумкин аст. А. ш. бо батарея ё аккумулятор кор мекунад.



Навъҳои гуногуни асбоби шунавоӣ

Солҳои 90 а. 20 А. ш.-и рақамӣ пайдо шуд. Онҳо дар истифода мувофиқ ва хеле дақиқ мебошанд. Баъзе А. ш. ҳатто барнома доранд. Ох. а. 20 технологияи компютерӣ имконият фароҳам овард, ки А. ш.-и хеле хурд ва ҳамзамон пуриқтидор истеҳсол карда шавад.

АСБОБИ ЭЛЕКТРОВАКУУМӢ, асбоби электротехникие, ки барои кори он вакуум ё атмосфераи иборат аз ягон газ (дар фишори муайян) истифода мешавад. Се навъи А. э.: бетахлия, электронӣ ва тахлияи газӣ вуҷуд дорад. Дар натиҷаи *вакуум* катоди А. э. оксид намешавад, инчунин дар он электронҳо ба самти муайян бе монеа ҳаракат мекунанд. Бо гази инертӣ пур кардани зарфи лампа дараҷаи «буғшавӣ»-и катод (мас., мӯяки лампаи тафсиш)-ро кам карда, барои баланд шудани ҳарорати он шароит фароҳам меоварад. Дар табдилдиҳандаҳои симобӣ, мас., ба сифати ин гуна газ буғҳои симобро ба кор мебаранд. Лампаи электронӣ, карнайи электроншуоӣ, карнайи рентгенӣ, тиратрону газотронҳо ва ғ. ба асбобҳои электровакуумӣ мансубанд.

АСБО́БИ ЭЛЕКТРОНӢ, як навъи *асбоби электровакуумӣ*, ки дар асоси ҳаракати электронҳо дар вакуум кор мекунад. Лампаи электронӣ, карнайи электроншуоӣ, фоттоэлемент ва карнайи рентгенӣ аз қабили А. э. мебошанд.

АСБО́БУ АНҶО́МИ ҲАРБӢ, ашёе, ки барои гирифта гаштани яроқи шахсӣ, лавозимоти ҷангӣ, воситаҳои ҳифозатӣ, асбоби хандаққовӣ, хӯрокворӣ, об ва ғ. заруранд. Сохт ва таркиби А. ба инкишофи аслиҳа, тактика ва муҷаҳҳазии техникии қӯшун вобаста аст. Дар қувваҳои мусаллаҳ А.-и аскар ва сержанти қӯшунҳои мототирандозӣ чунин аст: тасмаи камарбанд, бортасмаи китфӣ, халтача барои норинҷак, тирхалта, ғилофҳо барои миҳтара, белча, равғандон, ҷӯроб ва дастпӯшакҳои ҳифозатӣ, борхалта, ки дар он ҳангоми истифода нашудан чодирплаш ва тоскулоҳ, пайтобаҳои эҳтиётӣ, дегча, дӯлча, хӯрокворӣ гузошта мешаванд. Дар кисаи борхалта воситаҳои ороиш, сачоқ, қошуқ ва ашёи рӯзгорро ҷойгир мекунанд. Борхалтаҳо, одатан, дар мошинаҳои ҷангӣ ва нақлиёт нигоҳ дошта мешаванд. А.-и сержантҳо ва аскарҳои дигар навъҳои қӯшун ва ихтисосҳои ҳарбӣ асосан аз рӯйи ашёе, ки барои гирифта гаштани яроқи ба ҳамин намуд мувофиқ пешбинӣ шудаанд, фарқ мекунад. Дар маҷмӯи А. барои афсарон бортасмаҳои камарбанд ва китфӣ, сумкаи сафарӣ ва ғилоф барои тапонча дохиланд.

АСБОБУ АФЗОРИ АСТРОНОМӢ, ҷиҳозест барои мушоҳидаҳои астрономӣ, таҳлил ва ҳисобу китоби натиҷаи онҳо. А.-ро ба афзори мушоҳидавӣ (телескопҳо), таҷҳизоти рӯшноисанҷ ва таҳлилӣ, асбобҳои фаръии мушоҳидавӣ, асбобҳои вақтсанҷӣ, асбобҳои лабораторӣ, компютеру ҳисобмошинҳои гуногун ва асбобҳои намоишӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Телескопҳои оптикӣ барои ҷамъ овардани нури ҷирмҳои осмонӣ ва сохтани тасвири онҳо хидмат мекунанд. Аз рӯи сохти оптикӣ телескопҳо оинагӣ – рефлекторҳо, линзагӣ – рефракторҳо вамуштарак(телескопи Шмидт, телескопи Максутов ва ғ.) мешаванд. Онҳоро ба афзори тадқиқи астрофизикии ситораҳо, туманот, галактикаҳо, инчунин сайёраҳову Моҳ (рефлекторҳои калон, ки кассетаҳо, спектрографу электрофотометрҳо доранд), афзори аксбардорӣ (телескопи фарохзовияи Максутов ё Шмидт, астрографҳои фарохзовия), афзори астрометрӣ, телескопҳои офтобӣ, камераҳои метеорӣ ва ғ. ҷудо кардан мумкин аст. Тадқиқоти астрономӣ дар фосилаи радиобасомадҳо бо ёрии радиотелескопҳо гузаронда мешавад.

Барои муайян кардани координатаҳои объектҳои осмонӣ ва саҳеҳ чен кардани вақт доираи меридианӣ, афзори пассажӣ, доираҳои амудӣ, зенит-телескоп, устурлоби призмагӣ ва барои мушоҳидаи тоҷи Офтоб, хромосфера ва фотосфера телескопҳои хромосферӣ, коронограф ва телескопҳои фотосферӣ истифода мешаванд. Радифҳои маснӯи Заминро бо ёрии фотокамераҳои радифӣ аксбардорӣ мекунанд.

Дар замонҳои қадим барои чен кардани вақт соатҳои офтобӣ, ақраба, баъдтар квадрати деворӣ истифода мешуданд. Дар астрономияи муосир барои ин мақсад соатҳои Шорт, Федченко, инчунин соатҳои кварсӣ ва молекулавӣ (ё атомӣ) истифода мешаванд. Барои коркарди аксҳои дар натиҷаи мушоҳида бадастовардашуда мошинҳои ченкунии координатаҳо, блинк-компоратор, микрофотометр, микрофотометри ситоравиро истифода мебаранд. Муаҷҷим ва риёзидони тоҷик *Абумаҳмуди Хуҷандӣ* (а. 10, Рай) барои муайян кардани майли эклиптика, баландии ҷирмҳои осмонӣ ва вазъи нуқтаи эътидоли баҳорӣ судс (секстант) сохт, ки дар расадхонаҳои Марога (а. 13), Самарқанд (а. 15), Ҷайпур (а. 17) асбоби асосии астрономӣ ба ҳисоб мерафт. Рисолаҳои илмии Берунӣ, Хоразмӣ, Фарғонӣ дар бораи сохт ва истифодаи устурлоб, соатҳои офтобӣ, ақраба ва дигар асбобҳои астрономӣ маъруфанд. Дар такмили А. ҳиссаи мунаҷҷимони расадхонаҳои Мароға (Насируддини Тусӣ) ва Самарқанд (Улуғбек) калон аст.

Дар *Расадхонаи астрономии Ҳисор* телескопии астрономии оинавӣ – рефлектори 70 см-ии АЗТ-8, рефрактори 40 см-ии ширкати Карл Сейсс, дастгоҳи дақиққори астрономӣ («ВАУ»), асбоби «Наззораи метеорӣ» ва дар деҳаи Санглох дар баланди 2300 м телескоп-рефлектори қутри оинааш 1 м ва дигар А. гузошта шудаанд.

АСБОБҲО́И БОҒЎ ТОКДОРӢ, асбобу олоте, ки барои иҷрои корҳои гуногуни дастӣ (перостани дарахтон, ниҳолшинонӣ, ғундоштани ҳосил ва ғ.) истифода мешаванд. А. се навъанд: асбобҳои киштукор, нигоҳубини ниҳолҳо ва ғунучини ҳосил. Ба асбобҳои боғдорӣ мансубанд: қайчӣ барои буридани навдаи ғафсиаш то 15 мм; каҷкорд барои буридани шоху навдаҳои ғафсиашон то 12 мм ва тоза намудани ҷойи бо арра бурида; каҷкорд барои буридани навдаҳои ғафсиашон то 7 мм дар боғҳои навбунёд ва навдаи зиёдатии ниҳолҳо дар ниҳолхона; кордчаи найчабарор барои пайванд кардани қаламчаи дарахтони мева; кордчаи муғчабурӣ барои муғчапайванд кардани дарахтон; арраи қатшаванда барои буридани шоху навдаи ғафсиаш то 50 мм; қайроқи андозааш 13 Х 20 Х 140 мм барои тез кардани корд; тасма ва хамира барои равондани қирави кордҳо; халта ё ҷилд барои асбобҳо.

Ба асбобҳои токдорӣ инҳо дохил мешаванд: қайчии дастааш пластмассӣ барои буридани навдаҳои ғафсиашон то 15 мм; кордчаи найчабарор барои пайванд кардани қаламчаи ток; аррачаи дамаш рост барои буридани навдаҳои касал ё осебдидаи ғафсиашон то 90 мм; қайроқи андозааш 13 Х 20 140 мм барои тез кардани кордҳо, тасма барои равондани қирави корд; халта ё ғилоф; зоғнӯл барои баҳорон нарм кардани хоки байни буттаҳо; анбурҳои махсус барои таъмир намудани хавозаи ток, тофтан ё буридани сими ғафсиаш то 4 мм.

Ғайр аз ин, саноат асбобу олоти дигар низ мебарорад, ки барои киштукор таъйин шудаанд. Мас., бел, шоха, хаскашак, хишовакунак, каланд, зоғнӯл, каланди дукӯша ва ғ. Белро аз фӯлоди босифат месозанд. Онро асосан барои побел, нарм кардани хок, кофтани чуқурӣ, аз санг тоза кардани замин, буридани решаи алафҳои бегона кор мефармоянд. Пушти бел суфта буда, барои бе душворӣ ба замин даромадан мусоидат мекунад. Белҳои муштаракро барои кофтани чуқурича, шинондани ниҳолҳо, гӯр кардани қаламчаҳо низ истифода мекунанд. Нӯги дастаи белҳоро барои нағз нигоҳ доштан ҳалқамонанд ё нокшакл месозанд. Ҳангоми нарм кардан ва кофтани заминҳои серсанг шохаҳои заминковоккунӣ (хеле мустаҳкам буда, зуд ба хок медарояд ва ба решаи дарахту ток осеб намерасонад) ва каландҳои нӯгборик (барои нарм кардани хок ва решакан кардани алафҳои бегона истифода мешаванд)-ро низ кор мефармоянд. Ҳангоми шинондани ниҳол, кандани хоки теппачаҳо, хокчош кардани бехи ниҳолҳо ба кор бурдани каланд хеле мувофиқ аст. Барои нест кардани алафҳои бегона хишовакунак ва барои тахту ҳамвор намудани замин бештар хаскашакро ба кор мебаранд. Бо мақсади чуқур нарм кардани хоки сумзада истифодаи нармкунаки седандона ё панҷашакл мусоид аст. Нармкунаки муштарак бел низ дорад.

Дар нигоҳубин, перостан ва ғундоштани ҳосил ба кор бурдани қайчиву арракорд хеле мувофиқ аст. Арракорд барои буридани навдаҳои ғафс низ истифода мешавад. Арракорд аз се дами ивазшавандаи 220, 300 ва 400 мм иборат аст. Барои нест кардани ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона дорупошакҳои дастиро кор мефармоянд. Ҳангоми буридани шоху навдаҳои баланд ва чидани мева аз нардбон истифода ме-



Асбобҳои боғу токдорӣ.

кунанд . Нардбон (баландиаш 2,5 – 3,5 м) аз чӯби сахт ё хӯлаи дюралюминий сохта мешавад. Бо мақсади буридани шоху навдаҳои поёнӣ (дар баландии 2 – 2,5 м) харакҳои махсус (баландиашон 1,2 – 1,4 м)-ро ба кор мебаранд. Бел, каланд, шоха ва дигар асбобу олотро бо қайроқ ё дар дастгоҳ тез мекунанд. Корд ва қайчиро дар қайроқи маҳин тез карда, баъд барои равондани қирав дар тасма мешаканд. Бо мақсади зуд аз кор набаромадани А. б. т. онҳоро ҳамеша дуруст истифода бурдан лозим аст. Дастаи белу каланд бояд рост ва суфта бошад. Баъди иҷрои кор асбобҳоро шуста дамашонро равған мекунанд ва дар ҷойи хушк нигоҳ медоранд. Нардбон ва харакҳоро агар ҷойи махсус набошад, хобонда нигоҳ доштан лозим аст.

АСБОБҲО́И ГАРМИДИҲӢ, асбобҳоеанд, ки бо талафи камтарин баъзе намудҳои энергияро ба энергияи гармӣ табдил дода, аз манбаи гармидиҳанда ба муҳити гармшаванда (ҳаво, об, маҳсулоти технологӣ, маишӣ ва ғ.) интиқол медиҳанд. Аз рӯи усули интиқоли гармӣ А. г. ба радиатсионӣ, конвективӣ ва радиатсионию конвективӣ тақсим мешаванд. А. г.-и радиатсионӣ гармиро ба воситаи афканишот (афканишоти инфрасурх, микромавҷӣ) ва А. г.-и конвективӣ гармиро ба воситаи гардиши даврии ҳаво интиқол медиҳанд. Дар А. г.-и радиатсионию конвективӣ ҳар ду усул истифода мешаванд. Инчунин усули гармигузарониe мавҷуд аст, ки ҳангоми он гармӣ аз ҷисми гарм ба ҷисми сард бевосита дар натиҷаи расиш дода мешавад.

А. г. вобаста ба тарзи ҳосил кардани гармӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: А. г.-и электрикӣ; дар онҳо дар натиҷаи гузаштани ҷараёни электрикӣ аз унсур (элемент)-и гармкунанда (ноқили муқовиматаш ка-

лон), он гармӣ ҳосил мекунад; А. г.-и системаи марказонидашуда; дар чунин асбобҳо манбаи энергияи гармӣ гармибар (оби гарм, буғ, газ) мебошад. Дар А. г.-и системаи марказонидашудаи обӣ ба сифати гармибар оби ҳарорараташ на пасттар аз 80° С истифода шуда, асбоб ба шабакаи марказии гармидиҳӣ пайваст карда мешавад. А. г.-и оташдор энергияи гармиро дар натиҷаи сӯхтани сӯзишвории сахт (ҳезум, ангишт), моеъ (карасин, сӯзишвории дизелӣ) ва газ ҳосил мекунад. Чунин асбобҳо кӯра ё оташдон номида мешаванд.

Сохти А. г.-и электрикӣ нисбатан сода буда, онҳо аз ҷиҳати экологӣ тозаанд ва муҳити зистро ифлос намекунанд. Аз рӯи сохт чунин гармкунандаҳо инъикоскунанда, деворӣ, рӯифаршӣ, калориферӣ, радиаторӣ ва ғ. мешаванд. Дар аксар А. г.-и электрикӣ унсури асосии гармкунӣ олоти гармкунандаи электрикии найчагӣ мебошад, ки бо хокаҳои элементҳои химиявӣ, мас., хокаи оксиди магний пур карда шудаанд. Дар асбобҳо ин найчаҳо то ҳарор. 800 – 900 ° С тафсонда мешаванд. Радиатори электрикӣ, ки аз чумлаи чунин асбобҳост, аз танаи пӯлодӣ, гармкунандаи электрикии найчагӣ, танзимаи ҳарорат ва сими ба шабакаи электрикӣ пайвастшаванда иборат аст. Танаи пӯлодии ҳавоногузар бо равғани ба истилоҳ трансформаторӣ пур карда шуда, бо ранги ба ҳарор. баланд тобовар ранг карда мешавад. Чунин радиаторҳо ҳангоми на пасттар аз 0 ° С фаромадани ҳарорати берун ҳарор. манзили ҳаҷмаш 10 – 12 м³-ро то ҳарор. 15 – 18 ° С гарм мекунанд.

А. г.-и системаи марказонидашуда аз пӯлод, чӯян, металлҳои ранга, зангназананда (мис, арзиз), полимерҳо ва дигар мавод сохта мешаванд. Бештар радиаторҳои пӯлодӣ, чӯянӣ, конвекторҳо ва калориферҳо маъмуланд. Аз рӯи сохт онҳо дар намуди қисмҳои ҷудогонаи ба ҳам пайваст; як-, ду-, се- ва бисёрсутуна ва бо масоҳатҳои гуногун сохта мешаванд.




Радиатори баркӣ.

А. г.-и оташдор дар рӯзгор ва саноат васеъ истифода мешаванд. Бартарии ин асбобҳо: сарфакорона гарм кардани ҳавои биноҳои истиқоматӣ, саноатӣ, гаражҳо, таҳхонаҳо, гармхонаҳо ва ғ., инчунин гарм кардани обу ғизо ва истифодаи оддӣ, вобаста набудан аз манбаъҳои беруна, дошатани масоҳати калони тафсониш. Камбудии ин асбобҳо: истифода намудани захираҳои барқарорнашавандаи табиӣ, ба вуҷуд овардани партовҳои сахт ва ихроҷи газ.

М. Сафаров, С. Тағоев, Қ. Муҳиддинов.

АСБӮБҲОИ НИМНОҚИЛӢ, асбобҳои электроние, ки аз нимноқилҳо сохта шудаанд. А. н. дар электроника барои табдили сигналҳои гуногун, дар энергетика барои аз як намуд ба намуди дигар табдил додани энергия хизмат мекунанд. Вобаста ба таъйинот усули кор, навъи мавод, сохту технология ва соҳаҳои татбиқ намудҳои гуногуни А. н. мавҷуданд. Намудҳои асосии А. н. инҳоанд: асбобҳои электриктабдилдиҳанда, ки як бузургии электрикиро ба бузургии электрикии дигар табдил медиҳанд (диоди нимноқилӣ, транзистор, тиристор), асбобҳои оптикиюэлектронӣ, ки сигналҳои рӯшноиро ба сигналҳои электрикӣ мубаддал месозанд ё баръакс (оптрон, фоторезистор, фотодиод, фототранзистор, лазери нимноқилӣ ва ғ.), асбобҳои термоэлектрикӣ, ки аз энергияи гармӣ энергияи электрикӣ ҳосил мекунанд ё баръакс (термоэлемент, генератори термоэлектрикӣ, батареяи офтобӣ, термистор ва ғ.), асбобҳои магнитии электрикӣ (мас., датчике, ки дар асоси истифодаи *эффекти Холл* кор мекунад), асбобҳои пйезоэлектрикӣ ватензометрӣ, ки ба фишор ва ҷунбиши механикӣ ҳассосанд. Намуди дигари А. н.-ротарҳ (схема)-ҳои интегралӣ ташкил медиҳанд, ки электриктабдилдиҳанда, оптикию электронӣ ва ғ., ё ин ки муштарак шуда метавонанд. А. н.-и электриктабдилдиҳанда, ки бештар маъмуланд, лаппишҳои электрикии басомадашон аз ҳиссаҳои Ҳс то 100 ГҲс ва аз он зиёдро табдилу тақвият медиҳанд ва онро ихроҷ мекунанд. А. н. вобаста аз маводи нимноқилии истифодашаванда (германий, силитсий) ва аз рӯи соҳаи татбиқ (баландбасомад, баландшиддат, импулсӣ ва ғ.) фарқ мекунанд. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон А. н.-и таъйиноташон гуногун истеҳсол карда мешаванд. А. н. нисбат ба асбоби электровакуумӣ мӯъҷазу хурдандоза, мустаҳкаму мӯътамад ва босарфа мебошанд.

АСБӮБҲОИ СПЕКТРӢ, асбобҳо барои тадқиқи (аз рӯи дарозии мавҷ) таркиби спектрии афканишоти электромагнитии паҳнои оптикӣ (10^{-3} – 10^3 мкм,ниг. *Спектрҳои оптикӣ*), муайян кардани тавсифоти спектрии объектҳои афканишот ва объектҳое, ки бо афканишот таъсири мутақобила кардаанд, инчунин барои таҳлили спектрӣ. Узви асосии ҳар як А. с. унсури дисперсиякунанда аст, ки нурҳои дарозии мавҷашон гуногунро тақсия мекунанд. А. с. вобаста ба навъи унсури дисперсиякунанда асосан се хел мешаванд: призмагӣ, дифраксионӣ ва интерференсиявӣ. Сохти А. с.-и призмавӣ ба ҳодисаи дисперсияи рӯшноӣ, А. с.-и дифраксионӣ – ба дифраксияи рӯшноӣ ва А. с.-и интерференсионӣ – ба интерференсияи рӯшноӣ асос ёфтааст. Вобаста ба тарзи мушоҳидаву қайди тайфҳои оптикӣ А. с. ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд: спектроскоп (барои мушоҳидаи биноӣ), спектрограф (барои қайди фотографӣ) ва спектрометр (барои бақайдгирии фотоэлектрикӣ). А. с.-е, ки барои чоп кардани тафриқаи фосилаҳои хурди дарозиҳои мавҷ истифода мешаванд, монохроматор номоранд. Тарзи кори спектрометрҳо ба монохроматорҳо монанд аст. Дар онҳо спектр нисбат ба равзанаи махраҷ ҷой иваз мекунад ва бо ёрии фотоэлемент, фотофузун-



Тарҳи умумии асбоби спектрии призмагӣ: 1 – равзана; 2 – объективи коллиматор; 3 – системаи дисперсиякунанда; 4 – объектив; 5 – спектр.



Оташдон (камин).

соз, термоэлемент ва ғ. ба қайд гирифта мешавад.

Спектрофотометрҳо, спектрополяриметрҳо, спектрофрактометрҳо ва ғ. ба навъҳои махсуси А. с. мансубанд. Онҳо бо дисперсияи кунҷӣ ва хаттӣ (ки андозаҳои спектрро муайян мекунанд) қобилияти тафриқавӣ (қобилияти аз ҳам ҷудо карда гирифта тавонистани ду хати спектрии ҳамсоя) ва қобилияти нургузаронӣ (ҳиссаи ба қабулкунаки нурҳо омада расидаи энергияи рӯшноӣ) фарқ мекунанд. А. с.-и интерференсионӣ (мас., эталони Фабрӣ-Перо, пластинаи Люмер-Герке, эталони Майкелсон ва ғ.) қобилияти тафриқавии хеле калон доранд. Аммо онҳоро ба сабаби соҳаи хурди дисперсия доштанашон якҷоя бо монохроматорҳо – А. с.-и призмагиву дифраксионӣ истифода мебаранд. Ин гуна А. с.-и муштарак омӯзиши сохтори нозук ва фавқуннозуки хатҳои спектриро имконпазир мегардонад. А. с. барои гузарондани таҳлили спектрӣ, омӯзиши сохти модда, тадқиқи спектрҳои тобиши ситораҳо, ташхиси плазма ва ғ. истифода мешаванд.



Спектрофотометр СФ-104

АСБО́БҲОИ ТАНВИРӢ, асбобҳое, ки барои равшан намудани объектҳои гуногун ва сигналдиҳӣ таъйин шудаанд. А. т. равшанидиҳанда, нурафкан, сигналдиҳанда ва пароканандаи мешаванд. А. т. одатан, аз манбаи афканишоти оптикӣ ва афзор барои тақсимкунии сели рӯшноӣ иборатанд. Вобаста ба таъйиноти А. т. афканишоти як қисм (А.-и ултрабунафш, намоён, сурх) ё тамоми афканишоти спектри оптикӣ истифода бурда мешавад. Вобаста ба дараҷаи ҷамъкунии сели рӯшноӣ А. т. ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: асбобҳое, ки сели рӯшноиро қад-қади меҳвари оптикӣ ҷамъ мекунанд (прожекторҳо); асбобҳое, ки сели рӯшноиро дар ягон қитъаи меҳвари оптикӣ ҷамъ мекунанд (проекторҳо); асбобҳое, ки сели рӯшноиро дар кунҷи калони ҷисм аз нав тақсим мекунанд (чароғҳо). Барои азнавтақсимкунии сели рӯшноӣ инъикоси самтдоштаи инъикоскунандаҳои оинавии шаклашон гуногунро истифода мебаранд. Нишондаҳандаҳои асосии А. т. тақсимоти қувваи рӯшноӣ, дурахш ва равшанӣ, инчунин к. а. м. мебошанд.

АСБО́БҲОИ ФОТОГРАММЕТРӢ, асбобҳо барои аз рӯи аксҳо (аксҳои аз ҳаво, кайҳон ва рӯи Замин гирифташуда) муайян кардани андоза, шакл ва мавқеи объектҳо. А. ф.-ро барои таҳияи харитаҳои топографӣ ҳангоми таҳқиқоту иктишофи геологӣ ва ахбороти географӣ, ҳифзи муҳити зист (омӯзиши пиряхҳо ва қабати барф, раванди эрозия, тағйирёбии қабати растаниҳо, омӯзиши ҷараёнҳои баҳр) мигратсияи парандагону ҳайвонот, бунёди ҷангал, роҳсозӣ ва сохтани иншооти муҳандисӣ, ҳафриёти археологӣ, ба наворгирии кино истифода мебаранд. А. ф. ду хел мешаванд: монокулярӣ (барои коркарди аксҳои ҷудогона) ва стерофотограмметрӣ (барои коркарди ҷуфти аксҳо).

Ба А. ф.-и монокулярӣ пурбинҳои ченкунанда барои рамзкушоӣ, компараторҳо барои чен кардани координатаҳои нуқта дар акс, фототрансформаторҳо барои ба даст овардани тасвироти уфуқии маҳал бо мақсади таҳияи нақшаи фотографӣ, проекторҳои ҷудогона барои гузарондани объект аз акс ба нақша, акскалонкунанда ва фоторедуктор барои ба миқёси додашуда овардани тасвирот дохил мешаванд. Ба А. ф.-и ченкунанда стереометрҳо барои муайян кардани баландии объектҳо, стереокомпараторҳо барои чен кардани координатаҳои нуқта дар аксҳо, ки дар фототриангулятсия васеъ истифода мешаванд, мансубанд. А. ф.-и таъйиноташон умумӣ аз асбобҳои оптикӣ – проектори дуқӯша, мултиплекс, топофлекс; механикӣ аз стереограф, стереопроектор, стереоавтограф, топокарт, автограф; оптикию механикӣ аз фотостереограф ва ғ. иборатанд. Гурӯҳи махсуси А. ф.-и таъйиноташон умумиро асбобҳои таҳлилии нисбатан саҳеҳ, ки аз стереокомпаратор, ҳисобмошинҳои электронӣ ва координатограф иборатанд, ташкил медиҳанд. Ин асбобҳо барои чен кардани аксҳо то саҳеҳии 2 – 3 мкм имкон медиҳанд. Бо ёрии ин асбобҳо харитаҳо ва харитаҳои фотографӣ таҳия мекунанд, инчунин модели рақамии маҳалро тартиб медиҳанд.

АСБО́БҲОИ ЧЕНКУНАНДА́И ЭЛЕКТРИКӢ, асбобҳое, ки барои чен кардани бузургиҳои электрикии гуногун истифода мешаванд. Ба гурӯҳи А. дигар воситаҳои ченкунӣ – ченакҳо, табдилдиҳандаҳо ва таҷҳизоти маҷмӯӣ низ дохил мешаванд. А. дар энергетика, алоқа, саноат, нақлиёт, таҳқиқоти илмӣ, тиб ва рӯзгор (барои чен кардани энергияи электрикии истифодашуда) ба кор бурда мешавад. Афзори махсуси табдилдиҳандаи бузургиҳои ғайриэлектрикӣ ба электрикиро истифода бурда, А.-ро барои андозагирии бузургиҳои физикии гуногун низ истифода намудан мумкин аст. Аз рӯи бузургии ченшаванда А.-ро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: ампермеҳрҳо (барои андозагирии қувваи ҷараёни электрикӣ), волтметрҳо (барои чен кардани шиддати электрикӣ), ваттметрҳо (барои санҷидани тавоноии қувваи ҷараёни электрикӣ), басомадсанҷ (барои андозагири басомади ҷараёни электрикӣ) ва ғ.

АСЕ́ПТИКА (аз юн. a – ҳиссачаи инкорӣ ва septikos – мадданок), маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба мақсади пешгирии ба ҷароҳат афтодани микробҳо, инчунин безарар гардондани ашёи ҷарроҳӣ андешида мешаванд. А. бештар аҳамияти профилактикӣ дорад. Ҷарроҳи англис Ҷ. Листер дар асоси мушоҳидаҳои худ ба хулоса омад, ки сабаби оризаҳои уфунӣ (боиси фавт аз ҷарроҳӣ мегаштанд) микроорганизмҳои ба ҷароҳат воридшуда мебошанд. Ӯ аввалин шуда усули муборизаро бар зидди микроорганизмҳо пешниҳод кард ва онро А. номид (1867). Усули мазкур ба ҷароҳат роҳ ёфтани микробҳоро пешгирӣ ва микробҳои ба ҷароҳат афтодаро нобуд мекард. Чун воситаи бактерисидӣ (микробкуш) кислотаи карболат истифода мешуд. Бо маҳлули он асбобу анҷоми ҷарроҳиро безарар мегардонданд, духтур дастонашро пеш аз ҷарроҳӣ мешуст, маҳлулро ба хонаи ҷарроҳӣ мепошиданд. Аммо баъд маълум гардид, ки кислотаи карболат захри қотил буда, метавонад бофтаҳои ҷароҳатро нобуд кунад, ҳангоми нафасгирӣ боиси захролудшавии организм гардад. Ҷарроҳи немис Э. Бергманн тарзи нави безараргардонӣ, яъне А.-ро кашф намуд. Мувофиқи талаботи А. ҳар он чӣ, ки ҳангоми ҷарроҳӣ ё захмбандӣ ба ҷароҳат мерасад, бояд тамйиз карда шавад. Барои тамйиз аз ҳавои тафсон, буғ ва ғ. истифода мекунанд. Ашёе, ки ба ҳарор. ба-

ланд тоб оварда наметавонанд (мас., дастони ҷарроҳ), ба тарзи «хунук» (бештар бо моддаҳои химиявӣ) безарар карда мешаванд. Ҳангоми А. баъзан *антисептикҳоро* низ ба кор мебаранд. Бо ёрии онҳо имкон дорад, ки баъзе амрози ангезандаашон микробҳои уфунӣ (мас., мастит) бидуни ҷарроҳӣ табобат карда шаванд, вале ин воситаҳо ҳамеша натиҷаи дилхоҳ намеоваранд. Мас., молидани маҳлули спиртии йод бактерияҳои захми на он қадар чуқури пӯст ва ҷои харошхӯрдаро ҳамон вақт комилан нобуд ва иллатро дуруст мекунад, ки агар микробҳо такроран таъсир нарасонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ёрии аввалини таъҷилӣ (дар аснои яродор шудан, сӯхтагӣ) қоидаҳои одитарини А.-ро риоя бояд кард. Дар хона нигоҳ доштани матои захмбандӣ (дока ва пахтаи тамйизшуда) ва бинт лозим аст. Масолеҳи захмбандие, ки аз дорухона гирифта шудаанд, дар сурате тоза (безарар) мемонад, ки ҷилди он нодарида ё тар нашуда бошад. Пеш аз кушодани ҷилд дастҳоро бо собун тоза шуста, хушк кардан ва спирт ё атр молидан лозим аст. Хуб мешуд, ки дар хона пинсет ҳам бошад. Онро пеш аз истифода 10 дақ. дар об мечӯшонанд. Ҳангоми захмбандӣ сачоқчаро (салфетка) бояд аз як кунҷаш гирифт (на аз ҷое, ки ба сатҳи ҷароҳат мерасад). Дар сурати набудани масолеҳи захмбандии тамйизшуда матои пахтагии тозаю дарзмолкардаро низ кор фармудан мумкин аст. Ниг. низ *Антисептика*.

АСВО́Н, (Aswan, номи қадимиаш – Сиена), шаҳр дар ҷан. шарқии Ҷумҳурии Мисри Араб, дар соҳили рости д. Нил. Маркази маъмурии вил. Асвон. Аҳолиаш 266,5 ҳазор нафар (2009). Узели муҳими нақлиётӣ, нуқтаи ниҳоии роҳи оҳан шоҳроҳи автомобилгард, бандари дарёӣ дорад. Дар қадим мавқеи мудофиашавандае буд дар сарҳади биёбон – макони зисти мардумони ҳудуди ҳозираи Судон ва Эфиопия.


А. маркази саноатист: комб. калони химиявӣ (иборат аз 25 корхона), з-ди нуриҳои азотӣ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, чарму пойафзор дорад. Дар назди шаҳр маҷмааи гидроэнергетикӣ бо сарбандҳои нав ва кӯҳнаи А. (с-ҳои 1960 – 70 бо ёрии СССР сохта шудааст) воқеъ гаштаанд. Дар А. курорти иқлимӣ, маркази туризм, зиёратгоҳи исмоилиён (мақбараи Султон Муҳаммадшоҳ, Оғохони III) мавҷуданд. Дар А. осори таърихии меъмории Мисри Қадим: дахмаи дар шах биношудаи номарх Саренпути II (а. 20 то м.), харобаи дайри насронии Симеони Валӣ (а-ҳои 8 – 13), манора ва мақбараи гунбаздори а-ҳои 10 – 11 боқӣ мондаанд. Дар А. донишгоҳи олии саноат, Музейи таъриху фарҳанги Нубия, боғи ботаникӣ ҷойгиранд. Дар наздикии А. маъдани оҳан ва санги бинокории сиенит (номи қадимии А. – Сиена аз ҳамин ҷинс гирифта шудааст) истихроҷ мекунанд.

АСИЛУДДИ́НИ САМАРҚАНДӢ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик (ох. а. 12 – ибт. а. 13). Муҳаммад Авфӣ дар тазкираш «Лубоб-ул-албоб» А. С.-ро аз латифтабъони давр дониста, ашъорашро низ латифу пуртароват тавсиф кардааст. Дар тазкираҳо намунаҳо аз ашъораш боқӣ мондаанд. Абёти зерин аз ӯянд:

Рӯи ту ба равшанӣ сабақ бурд аз маҳ,
В-аз нури ту дар ту кай тавон кард нигаҳ.
Бо минбари ту чарх яке паст ҳафир,
Бо хоки ту чурми маҳ яке қурси сияҳ.

Ад.: Суханварони Сайқали рӯи замин, Д., 1973.

АСИМПТО́ТА (юн. asymptotos – ба ҳам нарасанда, якҷоя нашаванда), хати росте, ки ба он шохаи беинтиҳои хати каҷ наздик мешавад. Мас., барои гиперболаи $y = 1/x$ (расм) тирҳои координатии Ох ва Оу А. мешаванд. Хати каҷ А.-и худро бурида



метавонад. Хати каҷи дорои шохаҳои беинтиҳо метавонад А. надошта бошад (мас., *парабола*). Мафҳуми А. дар таҳлили хосиятҳои *функсия* нақши муҳим мебозад. Мас, агар хати рости $y = ax+b$ барои графики функсияи $y=f(x)$ А. бошад, ин функсияро дар шакли $f(x) = ax + b + a(x)$, [$a(x) = 0$ ҳангоми $x \to \infty$] ифода кардан мумкин аст.

АСИ́Р, 1) шарбатест, ки аз шираи мева, аз ҷумла ангур тайёр мекунанд; 2) як навъи май, ки асосан аз шираи ангур ҳосил шудааст. Ниг. низ *Афшура*.

АСИРА́К, асираки атрбӯ, асираки боғӣ, асираки бӯё (Reseda odorata), як намуди гули хушбӯй. Пояш рост (баландиаш 15 – 40 см),



Асирак.

сершоху барг (баъзан дар рӯи замин мехобад); баргаш сода, яклухт (дар нӯги поя баъзан 3-парра), байзашакл. Гулаш хушбӯй, майда, сабзи зардча ё сафед, дуҷинса. Хӯшагулаш аҳромшакли сершукуфа. Июн – июл гул мекунад (то сармои тирамоҳ аз гул намефарояд). Ғӯзааш гирдаи 3 – 6-қирра (дарозиаш 7 – 9 мм, бараш 4 – 6 мм), тухмаш майда, пурчин (700 – 1000 донааш 1 г); қобилияти сабзиши худро 3 – 4 сол маҳфуз медорад. Дар боғу чорбоғҳо намудҳои гулашон калони А. (Маше, Маше Рубин, Габриэл, Виктория, Голиаф ва ғ.), ки гули тиллоранг, сурх ва норанҷӣ доранд, парвариш карда мешавад. Барои кишти А. ҷойи офтобрӯя ва замини ҳосилхезу серрутубат лозим аст. Онро аз тухм сабзонда, моҳи июн кӯчат мекунанд (масофаи байни ниҳолҳо – 15 – 20 см). Гули А. равғани эфири хушбӯй дорад, ки ашёи пурқимати атриёт аст.

Ад.: Справочник цветовода, М., 1971; Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975; Головкин Б. А. (ва диг.), Декоративные растения СССР, М., 1986; Александрова М. С., Крестникова А. Д., Озеленение балконов: справочное пособие, М., 1991.

АСИРИ́И РОЗӢ (с. тав. номаълум – ваф. 1574/75, Рай), шоири форс-тоҷик. Пас аз таҳсили илмҳои расмии замон ва касби камол ба Ҳиндустон сафар карда, ба хидмати дарбори шоҳ Акбар (ҳукмр. 1556 – 1605) дохил шуд. Солҳои 80 а. 16 ба зодгоҳаш баргашт. Дар тазкираҳои бисёре А. Р. чун шоири боистеъдод, донишманду закӣ ва шӯҳратманд ёд шудааст. Дар ғазалсароӣ пайрави *Урфии Шерозӣ* буд. Инчунин ӯро чун намояндаи *мактаби вуқӯъ* ном бурдаанд. Аз А. Р. девони ашъор боқист, ки дар он ғазалҳову қасидаҳо ва рубоиёту қитъаҳояш фароҳам омадаанд.

Ад.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Мактаби вуқӯъ дар шеъри форсӣ, Т., 1348 ҳ. ш. *У. Каримов.*

АСИРӢ Тошхоҷа фарзанди Эшонхоҷа (1864, Хуҷанд – 3. 3. 1916, ҳамон ҷо), шоир ва маорифпарвари тоҷик. Дар синни 16-солагӣ ятим шуд. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, с. 1882 барои такмили дониш ба Хӯқанд рафт ва забони русиро хуб омӯхт. Мунтазам аз матбуоти даврии русию туркизабони Осиёи Миёна ва Кавказ баҳравар мегардид. Пас аз хатми таҳсил ба зодгоҳаш баргашта тарки илм намуд ва касби сангиосиётароширо, ки аз падараш мерос монда буд, интихоб кард. Диққати А.-ро масъалаҳои давр, омӯзиши илмҳои дунявӣ, рушди илму техника, таълиму маориф ва ғ. ҷалб карда буданд. А. ба мисли дигар маорифпарварон ба тартиботи идораи давлат дар замони худ, амалдорони золим, рӯҳониёни мутаассиб нафрат дошт. Ин мавзӯъҳо дар маснавӣ, қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва мухаммасҳояш инъикос ёфтаанд:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав,
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.

А. мисли Аҳмади *Дониш* бовар дошт, ки ҷабру зулми ҳокимони замон абадӣ нест ва маҳви он ногузир аст:

Аҳли дунё – ҳукмрони ин замон,
Маҳв гардад аслу зоташ бегумон.

А. ба масъалаи ниҳоят муҳими хоҷагидории кишварҳои Осиёи Миёна – обу обёрӣ, баҳри ободонии кишвар ва некӯаҳволии халқ, корам кардани даштҳои лабташна дахл намуда, достони «Дар баёни ҷӯи нави Бекобод»-ро (1913) таълиф кард. Яке аз қаҳрамонони ин асар муҳандиси рус Челикин дӯсти А. мебошад. Дар давраи А., ки Россия нисбат ба Аморати Бухоро дар рушди илму техника пешдаст буд, шоир халқро ба омӯзиши забони русӣ даъват кардааст. А. ақидаи маорифпарваронаи Аҳмади Донишро ҷонибдорӣ карда, ба ӯ пайравӣ менамуд. А. яке аз тарғибкунандагони илмҳои дунявӣ буд. Вай дар ин масъала илму техникаи русро мисол оварда, барои аз худ намудани илмҳои дунявӣ омӯхтани забони русиро зарур шумурдааст. Бинобар ин дар насиҳати фарзандаш гуфтааст:

Зи илму касби обо тӯша андӯз,
Дигар илму забони аср омӯз.
Ҳамон илме, ки дунё созад обод,
Туро созад зи банди ҷаҳл озод.

Дар шеъри «Қасида дар боби усули ҷадида» мактабҳои усули навро, ки дар ибт. а. 20 дар баъзе ш-ҳои Осиёи Марказӣ таъсис ёфта буданд, тарғиб мекунад. А. шеърҳои ҳаҷвӣ низ дорад, ки дар онҳо ашхоси ҷоҳил, золимон, камбуду норасоиҳои рӯзгорро танқиду мазаммат кардааст. Бо шоирону адибони замон С. Айнӣ, Таҷаллӣ, Ҷавҳарӣ, Фурқат, Завқӣ ва дигарон робитаи дӯстӣ ва эҷодӣ дошт. Ду маҷм. дастнависи шеърҳои А. дар китобхонаи Ин-ти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфузанд. Ин шеър аз ӯст:

Одамият чист? – худро дур аз шар доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.
Аз сафо оина бастан хонаи дилро мудом
В-аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.
Хешро дар шоҳроҳи фақр афкандан ба хок,
Дар тариқи фоқа худ аз хор камтар доштан.
Қомати ҳастӣ ба дебои камол оростан,
Ҷомаи фазлу ҳунар пирояи бар доштан.
Бе гумони ину он дар чорсӯи коинот,
Халқро аз хулқи некӯ уду миҷмар доштан…

Ос.: Избранное (Ашъори мунтахаб ба алифбои арабиасоси тоҷикӣ, матни интиқодӣ), М., 1982.

Ад.: Раджабов З., Поэт-просветитель таджикского народа Асири, Д., 1974.

С. Амирқулов.

АСИРӢ Шамсуддин Муҳаммад ибни Яҳёи Лоҳиҷӣ (1413, Гелон – 1506, Шероз), шоир ва орифи форсҷоҳик. Дар зодгоҳаш – Гелон таҳсил намуда, сипас ба Рай ва аз он ҷо ба Шероз рафтааст. Бо Абдурраҳмони *Ҷомӣ* ва Камолуддини *Биноӣ* робитаи дӯстӣ доштааст. Аз А. девони ашъор (шомили 5 ҳазор байт ғазалҳо, қасидаҳо, рубоиҳову қитъаҳо) ва манзумаҳо, китобҳои дорои мазмунҳои ирфонӣ – «Асрор-ушшуҳуд», «Маош-ус-соликин» боқӣ мондаанд. Машҳуртарин асари А. «Мафотеҳ-ул-эъҷоз» (таълифаш, 1472; шарҳи «Гулшани роз»-и *Маҳмуди Шабистарӣ*) мебошад.

АСИРО́НИ ҲАРБӢ дар ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳарбиён ва дигар ашхосе, ки дар давраи ҷанг ба дасти душман асир афтодаанд. Хизматчиёни ҳарбӣ, сарбозони халқӣ, аскарони фидоӣ, партизанҳо, иштирокчиёни ҳаракатҳои муқовимат, инчунин шахсони дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирокнадошта ва ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ шомилнабуда, вале фаъолияти онҳоро таъминкунанда (хабарнигорони ҳарбӣ, аъзои экипажи самолётҳои авиатсияи граждани, сарнишинони киштиҳои тиҷоратӣ ва ғ.) ҳам А. ҳ. ҳисобида мешаванд. То нимаи 2-юми а. 19 дар ҳуқуқи байналхалқӣ созишномаи бисёрҷонибае, ки ҳуқуқи А. ҳ.-ро ба танзим дарорад, вуҷуд надошт. Соли 1899 дар Конференсияи 1-уми Гаага аввалин муоҳида оид ба қонуну қоидаҳои қӯшунҳои хушкигард қабул гардид, ки дар он меъёрҳои батанзимдарорандаи низоми А. ҳ. дарҷ ёфтанд. Конференсияи 2-юми Гаага (1907) муоҳидаи навро таҳия намуд, ки низоми ҳуқуқи А. ҳ.-ро пурратар муайян мекард. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) зарурати такмили меъёрҳои ҳуқуқи А. ҳ.-ро тақозо намуд ва с. 1929 Муоҳидаи Женева қабул шуд. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) Германияи фашистӣ хилофи моддаҳои муоҳидаҳо амал карда, А. ҳ.-ро азобу шиканҷа медод ва саросар нобуд мекард. Бо мақсади пешгирӣ намудани худсарии ҷангкунандагон 12 авг. 1949 Муоҳидаи Женева «Дар бораи муносибат бо асирони ҳарбӣ» таҳия ва имзо шуд. Ҳоло ҳуқуқи А. ҳ.-ро Муоҳидаи Женева (1949) ва Протоколи иловагии I ва II ба Муоҳидаи Женева «Дар бораи қурбониҳои низоъҳои мусаллаҳона» (1977) муқаррар ва танзим менамоянд. Дар муоҳида меъёрҳои усулан нав: манъ намудани поймолкунии ҳуқуқи А. ҳ. аз рӯйи ирқ, ранги пӯст, дин, ҷинс, насаб ё ҳолати молумулкӣ; муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои вайрон кардани қоидаҳои муоҳида ва ғ. ворид карда шуданд. Тибқи меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқии байналхалқии ҳозира А. ҳ. дар ихтиёри давлати муқобил (душман) мебошанд, на дар ихтиёри шахсони алоҳида ё қисмҳои ҳарбие, ки онҳоро асир гирифтаанд. Муносибат бо А. ҳ. дар ҳама гуна вазъият бояд башардӯстона бошад, ҳуқуқи онҳо поймол карда нашавад. Муоҳида дастур медиҳад, ки ба занҳои асир эҳтиромона муносибат карда шавад. Ба ҳаёти А. ҳ. қасд намудан, онҳоро қатл кардан, азобу шиканҷа додан, таҳқир намудан, ба онҳо бераҳмона муносибат кардан манъ аст. Ягон асири ҳарбӣ набояд ҷисман маъюб карда шавад ва зери таҷрибаҳои номатлуби илмию тиббӣ қарор гирад, агар ба мақсади муолиҷа набошад. Давлати асиргирифта вазифадор аст, ки А. ҳ.-ро ройгон нигоҳубин намояд ва ёрии тиббӣ расонад. А. ҳ. бояд аз ҳамон хӯрок, истиқоматгоҳ, сарулибос истифода баранд, ки барои қӯшуни давлати онҳоро асиргирифта муҳайё мешавад. Моликияти шахсии А. ҳ. ғайр аз аслиҳа, сарулибос ва ҳуҷҷатҳои ҳарбӣ дар дасташон мемонад, онҳо дар иҷрои расму ойин ва маросимҳои динӣ озоданд, метавонанд дар мукотиба бошанд, пул ва амонат (посилка) фиристанд ё гиранд. А. ҳ.-ро (ғайр аз афсарон) ба корҳои ғайриҳарбӣ ҷалб кардан мумкин аст. Бе ризояти онҳо ба корҳои барои саломатӣ хавфнок ҷалб кардан манъ аст. Барои

корҳои иҷрокардаи А. ҳ. бояд маош таъйин гардад: як қисми маош барои хароҷоти нигоҳдории худи асирон нигоҳ дошта мешавад , қисми дигараш баъди озод гардидан ба маҳбусон бояд пардохта шавад. А. ҳ. бояд қонуну қоидаҳои дар қувваҳои мусаллаҳ амалкунандаи давлатеро, ки дар асорати он мебошанд, риоя намоянд. Дар ҳолати риоя накардан онҳо метавонанд ба ҷавобгарии судӣ ё интизомӣ кашида шаванд.

А. ҳ.-ро барои амалҳое, ки мувофиқи қонунгузории давлати онҳоро асиргирифта ҷазо дода намешаванд, ба ҷавобгарии судӣ кашидан ё маҳкум кардан манъ аст. Ба А. ҳ. барои фирори бебарор танҳо ҷазои интизомӣ дода мешавад. Ҳама гуна амали ғайриқонунӣ ё беамалии давлати асиргирифта, ки боиси марги А. ҳ. мегардад ё саломатии онҳоро дар хатар мегузорад, манъ аст. Шахсоне, ки дар содир намудани чунин амалҳо гунаҳкоранд, ҷиноятқорони ҳарбӣ ҳисоб гардида, ба ҷавобгарии ҳарбӣ кашида мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба Муоҳидаи Женева ва Протоколҳои ба он иловашуда ҳамроҳ аст ва тамоми талаботи муоҳидаи мазкурро риоя ва таъмин менамояд.

Ад.: Международное право в документах, М., 1982; Международное право, М., 2000

Н. Шарипов.

АСИРУДДИ́НИ АХСИКАТӢ Абулфазл Муҳаммадтоҳир (байни 1108 – 10, Ахсикати Фарғона – байни 1196 – 98, Халхоли Озарбойҷон), шоири форс-тоҷик. Дар Балх, Ҳирот ва Марв таҳсил намуда, улуми динӣ, риёзӣ, тиб, кимиё, ҳайат, фалсафа, сарфу наҳвро омӯхтааст. Ба сабаби вазъияти ногувори сиёсии замон ба Ироқи Аҷам кӯчида, дар даргоҳи ҳокимон Арслон ибни Туғрал (ҳукмр. 1160 -- 79) ва Қизил Арслон (ҳукмр. 1185 -- 91) хидмат кардааст. Маликушшуарои дарбори Қизил Арслон буд. Ба иғвои ҳасудон аз дарбор ронда шуд ва солҳои охири умрашро ба оворагиву тангдастӣ сипарӣ намуд. Аз мадҳияҳои гуфтааш пушаймон шуд. Аз А. А. девони ашъор боқӣ мондааст, ки с. 1313 ба дасти Улвии Кошӣ ном шахсе китобат шудааст ва он дар китобхонаи «Индиа Оффис» (Лондон) маҳфуз аст. Девон дорои 8 ҳазор байт – 120 қасида, 220 ғазал, 80 қитъа, 80 рубоӣ, 4 таркиббанду тарҷеъбанд, 24 фард мебошад. Дар ғазалҳову қасидаҳояш ба ғайр аз мадҳ ба мавзӯъҳои ишқ, тасвири манзараҳои табиат дар фаслҳои гуногуни сол, ҳасби ҳол, панду андарз, танқиди беадолатӣ, шикоят аз «чархи фалаки каҷрафтор», танқиду мазаммати бухлу ҳасад, ҳарисиву тамаъкорӣ, тавсифи илму дониш ва ғ. мурочиат кардааст. Забони нигоштаҳои А. А. содаву равон аст. Қасидаҳо, тарҷеъбандҳо ва қитъаҳояш ба *сабки ироқӣ*, ғазалҳову рубоиҳояш ба *сабки хуросонӣ* навишта шудаанд.

Ос.: Девон, Д., 1969.
Ад.: Ҳидоятов И., Ҳаёт ва эҷодиёти Асируддини Ахсикатӣ, Д., 1969.

И. Ҳидоятов.

АСКАЛО́Н, деҳа дар ҷамоати деҳоти Аскалони ноҳ. Рашт. Аз деҳа то маркази ноҳия шаҳраки Ғарм 15 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 628 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, китобхона, нуқтаҳои савдои хусусӣ ва чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: чорводорӣ ва сабзаваткорӣ. Заминҳо аз канали Ҳазрати Фолума (мавсум ба бузургвори маҳаллӣ) обёрӣ мешаванд. Дар А. мақбараи Имоми Малеҳ (зиёратгоҳи аҳолии маҳаллӣ) ва масҷиди қадима воқеъ аст.

АСКА́Р ҲАКИ́М (Ҳакимов Аскар; тав. 10. 10. 1946, деҳаи Рӯмони ноҳ. Бобоҷон Ғафуров), шоир ва



мунаққиди тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1999), Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи УДТ (1967). Муҳаррири барномаҳо барои наврасон ва ҷавонони Комитети давлатии РСС Тоҷ. оид ба телевизион ва радиошунавонӣ (1967 – 69), аспиранти Ун-ти давлатии Москва (1969 – 72), лаборанти ИЗА АИ ҶТ (1972 – 74), ҷонишини муҳаррири маҷ. «Садои Шарқ» (1974 – 78), котиби садорати ИН Тоҷикистон (1978 – 80), муҳаррири г. «Маданияти Тоҷикистон» (1980 – 83), «Адабиёт ва санъат» (1983 – 91), раиси ИН Тоҷикистон (1991 – 2003), узв ва муовини раиси Маҷлиси миллии ҶТ (2000 – 05), с-ҳои 2003 – 09 машғули кори эҷодӣ. Аз с. 2009 мудири котиботи назди роҳбарияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ.

Ба арсаи эҷод чун мунаққид ва адабиётшинос қадам ниҳодааст. Мақолаҳои нахустинаш с. 1965 ба табъ расидаанд. Ба масъалаҳои анъана ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик ва адабиёти халқҳои бародар, тасвири симои маънавии инсон дар адабиёт, арзиши эстетикиву бадеии шеър таваҷҷӯҳ кардааст. Маҷмӯаҳои мақолаҳояш: «Шеър ва замон» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982), «Творцы созвучий» (М., 1988), «Испытание поэзией» (1992). Аз ибт. с-ҳои 80 а. 20 ба шеър гуфтан майл намуд ва дар ин ҷода комёб гардидааст. Маҷмӯаҳои ашъораш «Раҳнавард» (1983), «Тарозуи офтоб» (1987), «Путник» (М., 1989), «Рӯзи умед» (1990), «Рубоиёт» (1992), «Баргпайванд», (Ниюёрк, 1993), «Шаҳри меҳолуд» (Лос-Анҷелес, 1993), «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким» (Т., 1995), «Илтиҷо аз уқоб» (1998), «..Боз мерасад хуршед» (2002), «Санги ман – алмос» (2006), «Замини сабзи боварҳо» (2008) ва ғ. ба табъ расидаанд. А. Ҳ. муаллифи манзумаҳои «Достони нону имон», «Санги ман – алмос» мебошад. Дар ин манзума манзараҳои ниҳоят ҷолиби зиндагӣ бо паҳлуҳову рангорангиҳояшон мавриди тасвир қарор гирифтаанд. А. Ҳ. шоири ҷӯяндаву навовар аст. Шеърҳояш аз ҷиҳати анвоъ гуногунанд. Мақому манзалати инсон дар ҷомеа, арзишҳои маънавие, ки инсонро ба ҳадди камол мерасонанд, меъёрҳои худогоҳиву худшиносӣ, адлу инсоф, ишқу зебоӣ ва ғ. мавзӯъҳои асосии ашъори ғиноии А. Ҳ. мебошанд. Ашъор ва мақолаҳои илмиаш ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудаанд. Ӯ худ ба тарҷума низ машғул шудааст. Аз забони русӣ қиссаи В. Биков «Сотников», достони М. Ю. Лермонтов «Хазинадорзани тамбовӣ», маҷмӯаи шеърҳои Г. Эмин «Аср. Замин. Ишқ», «Мазҳакаи илоҳӣ»-и А. Данте, намоишномаҳои «Фариштаи ваҳшӣ»-и А. Коломиес, «Ҳавлии махсус»-и Эфин ва ашъори шоирони халқҳои гуногунро ба забони тоҷикӣ баргардондааст. Барои маҷмӯаи «Рӯзи умед» сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ гардид (1992). Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. (1981), ордени «Зафар»-и давлати Филиппин (2003), ордени «Содружество»-и Ассамблеяи Байнипарламентии ИДМ (2004) сарфароз гардидааст. Аз с. 1976 узви ИН Тоҷикистон. м *А. Абдуманнонов*

АСКАРИ́ДАҲО (Ascaridae; аз юн. askaris – кирми рӯда), навъе аз лӯндакирмҳо. Дар рӯдаи одаму ҳайвони мӯҳрадор зиндагӣ мекунанд. А. ба оилаи кирмҳои паразит мансубанд. Тақр. 9 ҷинс ва беш аз 80 намуди А. мавҷуд аст. А. кирмҳои калони сафед ё сафеди зардча буда, ду нӯгашон борик мебошад. Дарозии А.-и на-

рина 10 – 28 см, А.-и модина 14 – 37 см. Қисми охири бадани А.-и нарина чангакмонанд аст; аз 27 то 105 ҷуфт узви макандаи пешимақъадӣ ва 5 – 7 ҷуфт узви макандаи пасимақъадӣ дорад. Сӯрохии узви ҷинсии А.-и модина дар қисми пеши бадан воқеъ аст. Тухмаш ҷигариранг (дарозиаш 0,050 – 0,075 мм, бараш 0,04 – 0,05 мм). А.-и модина дар як шаборӯз 250 ҳазор тухм мегузоранд. Тухми А. аз организм ба воситаи наҷосат хориҷ мешавад. Баъди 7 – 28 шаборӯз дар он кирминаи бемориовар инкишоф меёбад. Аз тухмҳое, ки ба роҳи узви ҳозимаи ҳайвон афтодаанд, кирминаҳо баромада, ба девораи рӯда дохил мешаванд ва сипас бо хун ба ҷигар, дил ва мӯйрагҳои шуш мераванд. Дар мӯйрагҳои шуш кирминаҳо чанд муддат истода, калон мешаванд. Сипас онҳо ба ҳубобчаҳои шуш, нойи нафас, хирной ва даҳон гузашта, такроран фурӯ мераванд. Кирминаҳои дубора фурӯбурда баъди 1,5 – 2,5 моҳ дар рӯдаи борик ба воя мерасанд. Дар организми одам метавонад аз як то садҳо аскарида зиндагӣ кунад. Беморие, ки бар асари А. пайдо мешавад, *аскаридоз* ном дорад.

АСКАРИДИО́З, касалии парандаҳо (мурғ, мурғи марҷон, кабӯтар), ки *аскаридаҳо* ба вуҷуд меоваранд. Ангезандаи А. дар рӯдаи борик зиндагӣ мекунад; модина (70 – 120 мм) аз наринааш (26 –70 мм) калонтар аст. Дар тухми аскарида баъди 10 – 18 шаборӯзи аз организми парандаҳо ба воситаи ахлот хориҷ шудан, кирмина ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ба роҳи ҳозимаи дигар парандаҳо афтодани чунин тухм кирминаҳо ба луобпардаи рӯда ворид мегарданд. Кирминаҳои аскарида баъди 17 – 18 шаборӯзи дар луобпарда инкишоф ёфтан, ба сӯрохи рӯда гузашта болиғ мешаванд. Кирмина девораи рӯдаро иллатнок ва организмро заҳролуд мекунад. Тухми ангезандаи А. аксар дар мурғхонаҳо дучор меояд. Ба А. бештар чӯча ва парандаҳое, ки дар таркиби хӯрокашон витамини А ва В кам аст, гирифтор мешаванд. А. хусусан ба мурғпарварӣ зарари калони иқтисодӣ меоварад (мурғҳо то 20% кам тухм мекунанд). Сирояти асосан дар катак ва мурғхонаҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Касалӣ моҳҳои апр. сар шуда, авг. – сент. ба авҷи аъло мерасад. Парандаҳое, ки бо ғизои серсафеда ва сервитамин таъминанд, ба сироят нисбатан устуворанд. Парандаи касал беҳол ва хароб шуда, аз сабзиш мемонад, камхунии луобпардаҳо ба вуҷуд меояд. Дар аснои аз ангезандаи А. сахт сироят ёфтан, рӯда маҳкам ва баъзан девораш сӯрох мешавад. А.-ро бо роҳи дар ахлоти парандаҳо мушоҳида кардани аскарида ё тухми он ташхис мекунанд.

М у о л и ҷ а: ба хӯрок ё об ҳамроҳ кардани пиперазин. П е ш г и р ӣ: дар мурғхонаҳо барои чӯчаҳо муҳайё кардани шароити хуб; мунтазам тоза ва дар порухонаҳо безарар кардани ахлот, бо хӯрок омехта карда додани пиперазин ва фенотиазин; мунтазам дезинвазия кардани мурғхона.

АСКАРИДО́З, беморӣ одам, ки *аскаридаҳо* ба вуҷуд меоранд. Аскаридаҳо кирмҳои калони гуногунҷинс буда, дар рӯдаи борики одам сукунат доранд. Одам ягона манбаи сироят аст. Аскаридаи модина дар як шаборӯз то 250 ҳазор тухм мегузорад, ки бо пасафканд хориҷ мешавад. Ҳангоми набудани ҳоҷатхонаҳои обод ва вайрон кардани қоидаҳои беҳдошт тухмҳои аскарида ба воситаи ахлот дар гирду атрофи хона, ҳавлӣ, полез, боғу дарахтон паҳн мегардад. Одам аз А. дар натиҷаи истеъмоли сабзавоту меваи ношуста, нӯшидани оби наҷӯшида, аз дасти ифлос сироят меёбад. Сироят мавсимӣ буда, дар мавзеъҳои иқлимаш мӯътадил то 7 моҳ (аз апр. то ноябр) давом мекунад. Дар мавсими зимистон одам аз сабзавоти гармхона ё ба воситаи пойафзол ба хона овардани тухми аскарида сироят меёбад. Тухмҳои аскаридаи болиғ ба рӯдаи одам ворид шуда, аз онҳо кирминаҳо ба вуҷуд меоянд. Кирминаҳо луобпардаи рӯдаро сӯрох карда, ба воситаи ҷараёни хуни варид (вена) ба роҳҳои нафас мегузаранд, баъд ба ҷавфи даҳон омада, бо оби даҳон аз нав ба рӯдаи борик дохил мешаванд ва дар он ҷо ба паразити болиғ табдил меёбанд. Тамоми даври инкишофи аскарида, аз вақти сирояти одам то дар пасафканди ӯ пайдо шудани тухми насли нави он, 2 – 3 моҳ тӯл мекашад.

А. ду давра – аввал ва охир дорад. Давраи аввалро давраи кӯчӣ (то ба рӯдаҳо такроран афтодани кирминаҳо) ва давраи дуюмро давраи рӯдагӣ ном мебаранд. Дар давраи аввали беморӣ, одатан, аломати зоҳирӣ пайдо намешавад. Баъзан, беморон беҳолӣ, сурфа ва баландшавии ҳароратро ҳис мекунанд, аҷаб нест ба *саглес* гирифтор шаванд. Дар марҳалаи охирин беморон аз дилбеҷошавӣ, беҳолӣ, дарди шикам шикоят мекунанд; дар сари дил гаронӣ ҳис шуда, оби даҳон меравад, иштиҳо мебандад, сар ба дард медарояд, чарх мезанад, бемадорӣ, баъзан шабҳаросӣ (шабтарсӣ) рух медиҳад. Бачагон дар хобашон дандон мехоянд; гирифтори бемориҳои бронхит, нафастангӣ, камхунӣ мешаванд. А. боиси асабонию парешонхотирии кӯдакон ва кундзеҳнии мактаббачагон мегардад. А.-ро мувофиқи тавсияи духтур муолиҷа бояд кард. Агар бемор саривақт ба духтур мурочиат карда, доруи киҷҷаронро истеъмол намояд, табобат осон мешавад. Вале тӯл кашидани беморӣ муолиҷаи дуру дарозро талаб мекунад; дар мавриди холесистити мадданок, перитонит ва басташавии рӯдаҳо ҷарроҳӣ лозим аст.

Муболиза бар зидди А. аз муоинаи умумии аҳолӣ бо мақсади саривақт ошкор кардани беморон ва ба онҳо таъйин намудани муолиҷаи махсус, ободонии маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи санитарии манбаи об, хок, корҳои маорифи санитарӣ ва ғ. иборат аст. Дар пешгирии А. риоя кардани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ (мас., пеш аз истеъмоли хӯрок, баъди қазои ҳоҷат ва пас аз кор дар боғ, полиз ва ғ. бо собун шустани дастон) ва беҳдошти санитарии чоҳу ҳоҷатхонаҳо аҳамияти калон дорад. Ниг. низ *Гелминтозҳо.*

Ад.: Б р о н ш т е й н А. М., Т о к м а л а е в А. К., Паразитарные болезни человека: протозоозы и гельминтозы, М., 2002; К а м а р д и н о в Х. К., Тропические и паразитарные болезни человека, Д., 2003; ҳ а м о н м у а л., Инфекционные и паразитарные болезни человека, Д., 2009.

Х. Қамардинов.

АСКА́РИ ҚАТОРӢ, рутбаи хурди ҳарбӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар ниҳодҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ниг. *Унвонҳои ҳарбӣ.*

АСКА́РИ СУРХ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қумсангири ноҳ. Қумсангир. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Дӯстӣ 13 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1934 нафар (2009), тоҷикон. Дорухона, бунгоҳи тиббӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ ва савдои хусусӣ дорад. Деҳа мактаб надорад. Кӯдакон дар мактаби деҳаи Комсомол таҳсил мекунанд. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз канали Қумсангир обёрӣ мешаванд.

АСКА́РИ СУРХ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Яккатути ноҳ. Абдураҳмони Ҷомӣ. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Куйбишев 7 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 2771 нафар (2009), тоҷикон. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, бунгоҳи тиббӣ, 5 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, ғаллакорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

АСКА́РИ СУРХ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қарамқули ноҳ. Ҳисор. Аз А. то маркази ноҳия 6 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 1646 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, маркази саломатӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: боғдорӣ, сабзавоткорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

АСКА́РИ СУРХ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Қаротоғи ноҳ. Турсунзода. Аз А. то маркази ноҳия 1 км; роҳ асфалтпӯш. Аҳолиаш 3698 нафар (2009), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, боғчаи кӯдакон, чойхона ва 2 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ: зироаткорӣ. Заминҳо аз д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

АСКАРӢ, нозилӣ, эскарӣ, навъе аз ангурҳои миёнапазак. Асосан барои тарҳӯрӣ ва мавиз истифода мешавад. Аслан аз Эрон аст. Баргаш миёнаҳаҷм (андозааш 16 – 18 см), 5-парра, гирда, канорҳояш ба боло тоб хӯрдаанд. Гулаш дуҷинса. Хӯшааш калон (дарозиаш 13 – 14 см, бараш 6 – 15 см), устувона ё махрутшакл. Ғужбаш майдаи тухмшакл, сафеди сабзтоб (баъди пурра пухтан зарди кушод), сергӯшту сероб, хуштаъм ва гуворо; якчанд тухми хурд дорад. Ғужмаш тунуки шаффоф. Дар таркиби меваи пухтааш 23 – 25% қанд, 5,2 г/л туршӣ мавҷуд аст. Дар заминҳои обӣ аз ҳар га 120 – 200 сентнер ҳосил меғундоранд. Меваашро зоҳиран ба Кишмиши сафед монанд аст. Токаш сершоху барг, 75 – 90 фоизи навдаҳои яксолааш то ғунучини ҳосил пурра мерасанд. Дар шароити иқлими Тоҷикистон даҳаи дуюми май гул карда, меваашро нимаи дуюми июл (то ох. авг.) мепазад. Давраи нашваш 140 – 145 рӯз. Барои нашъунамои хуби он маҷмӯи ҳарор. фаъол бояд 2800 – 3000°С бошад. Дар Туркманистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон низ парвариш карда мешавад. Токаш аз сармо ва касалии ҷел зарар мебинад.

Ад.: Лазаревский М. А., Сорта винограда, М., 1959; Рубин Н. Г., Сорта винограда Средней Азии, Ташкент, 1972; Энциклопедия виноградарства, Кишинев, 1986.

Ҳ. Маҳмадқулов.

АСКА́РОВ Раҳмоналӣ (10. 5. 1942, деҳаи Қалъачаи Калони ноҳ. Ӯротеппа, ҳоло Истаравшан – 1999, Душанбе), муҳандис-барномасоз, доктори илми иқтисод (1992), проф. (1994). Хатмкардаи фак-ти математикаи УДТ (1965). Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи Советӣ (1965 – 67), таҳсил дар аспирантураи АИ РСС Тоҷ. (1962 – 72), муҳандис-барномасоз, ходими илмӣ, ходими калонии илмӣ, мудири шӯъбаи Ин-ти математикаи АИ ҶТ (1972 – 95). Аз с. 1995 то поёни умр мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи тиҷоратии Тоҷикистон буд. Тадқиқоти А. ба масоили рушди муносиби комплекси минтақавии агросаноатии ҷумҳурӣ, пешомадҳои омехташавии муносиб ва тахассусӣ дар бахши кишоварзӣ, методҳои математикӣ ва татбиқи онҳо дар хоҷагии халқ, моделсозии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғ. марбут аст. Муаллифи 90 асару мақолаи илмӣ, оммавӣ, методӣ.



Аскаров Раҳмоналӣ.



Аскарова Розия.

Ос.: Оптимальное перспективное размещение и специализация сельского хозяйства Таджикской ССР, Д., 1975; Методҳои математикӣ ва татбиқи онҳо дар хоҷагии халқ, Д., 1977; Некоторые вопросы оптимизации развития регионального агропромышленного комплекса, Д., 1988.

Ё. Назармамадов.

АСКА́РОВА Розия Муқимовна (5. 8. 1945, Душанбе – 19. 10. 2003, ҳамон ҷо), духтури терапевт, доктори илмҳои тиб (1998). Хатмкардаи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (ИДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1969). Духтури терапевти Беморхонаи марказии ноҳ. Ленин (ҳоло Рӯдакӣ; 1969 – 73), ординатори клиникии кафедраи муолиҷаи №2 ИДТТ (1973 – 76), духтури аллергологи дармонгоҳи машваратии Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии №3 (1976 – 88), ассистент (1988 – 2000) ва дотсенти кафедраи муолиҷаи №2 ИДТТ (2000 – 03). Дар мавзӯи «Зиқи нафаси ғайримуқаррарӣ дар шароити Тоҷикистон» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Муаллифи зиёда аз 100 таълифоти илмӣ, аз ҷумла як дастурамал оид ба «Зиқи нафаси ғайримуқаррарӣ». Дар бисёр ҷаласаҳои байналмилалии аллергологҳо ва иммунологҳо ширкат дошт.

АСКИЯ́, яке аз навъҳои (жанрҳои) мутоибавии эҷодиёти даҳанакии (фолклори) халқ. А. шакли вайроншудаи калимаи азкиё – ҷамъи закӣ – доно, хуштабъ, покзеҳн, тезфаҳм, тезхотир мебошад. Дар байни мардум ба шакли «аксия», яъне ба сухани касе баръакс ҷавоб додан маъмул аст. А. шӯхии хандадор, мутоиба, ҳазлу мазоҳ аст, ки дар байни ду нафари шӯхтабъ ва ё гурӯҳи одамони шӯх сурат мегирад. Як кас сухани шӯхиомез мегӯяд, тарафи муқобил ба тезӣ, бе таваққуф ба сухани ӯ ҷавоб медиҳад. А.-гӯӣ дар тӯйҳо, ҷашнҳо, сайру гашт, ҷамъомади дӯстон, дар оши ҳарифона, гаштакҳо ва ғ. сурат мегирад. Дар А. сухани духӯра, буррои бамавқеъ, ҳозирҷавобӣ ва ханда унсурҳои асосӣ ба шумор мераванд. Дар байни тоҷикон якчанд навъи А. – мухтасар, мукаммал, луқмааския маъмул аст. А.-и мухтасар байни ду нафар баргузор мешавад ва аз як-ду муколама таркиб меёбад. А.-и мукаммал аз рӯи ягон мавзӯъ сурат мегирад ва аз силсилаи муколамаҳо иборат буда, муддати 10 – 15 дақ. давом мекунад. Вазифаи асосии А. аз он иборат аст, ки пас аз шунидани он табъи одамон хуш гардад. Мавзӯи А. пешакӣ муайян карда намешавад. Он дар вақти А.-гӯӣ худ ба худ ба миён меояд: маишӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ. Дар А. аз шаклҳои осори мансур – ҳикоят, панд, андарз, аз шеърҳо, сурудҳо, байтҳо истифода мешавад. Баъзан А. ба тариқи мушоира, байтбарак сурат мегирад.

Порчаҳои манзуму мансур, лаҳзаҳои гуфтугӯи қаҳрамонони асарҳо, ки ба А. монанданд, дар адабиёти пешазисломии мардуми эронитабор (мас., манзумаи «Дарахти асурик»), адабиёти форс-тоҷики асрҳои миёна (дар осори Сӯзании Самарқандӣ, Асадии Тусӣ – муаллифи мунозараҳо, Убайди Зоконӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ ва дигарон) ба назар мерасанд. Махсусан, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ лаҳзаҳое тасвир шудаанд, ки ба А.-гӯии маъмул дар а. 20 монанданд. А.-ро дар минтақаҳои Душанбе, Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Ҳисор «аския», «қофия», дар Рашт, Тавилдара, Дарвоз «лақича», дар Бадахшон «назир», дар Зарафшон «аксид», дар баъзе минтақаҳои Кӯлоб ва Ҳисор «аскид» мегӯянд. Таъбирҳои «қофия задан», «қофиячӣ», «чақ-чақӣ», «хушчақчақӣ» низ ба А. марбутанд. Баъзе А.-гӯён, ки дар байни халқ бо номҳои аскиячӣ, аскиябоз, зарофатгӯ ном бурда мешаванд, С. Вализода (Кӯлоб), Аҳмадако ва Ҳоҷитамтам (Самарқанд), Нағзибек (Бадахшон), Қодир Ҷӯғӣ (Ёвон), Ҷумъаи Анта ва Мелибойи Киштӯдӣ (Панҷакент), Одинамоҳ ва Иброҳими Якгӯш (Данғара), Юсуф Қизиқ (Фарғона), Салимқофиячӣ ва Холқофиячӣ (Бойсун) буданд. Шоирони машҳури

тоҷик М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Ашӯр Сафар низ А. мегуфтанд. А. аз эҷодиёти даҳанакии халқ ба адабиёти хаттӣ низ роҳ ёфтааст. Аз забони баъзе қаҳрамонони «Замини падарон»-и Ю. Акобиров, «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев А.-ҳо оварда шуданд. А. дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ, дар Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон низ маъмул аст.

Ад.: Амонов Р., Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб, Д., 1963; Маҳдиев С., Аския, маҷ. «Садои Шарқ», 1968, № 7; Муҳаммадиев Р., Аския, Тошкент, 1970; Нурджанов Н., Традиционный театр таджиков, т. II, Д., 2002; Раҳмонӣ Р., Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик, Д., 2008. *Р. Раҳмонӣ.*

АСКОМИСЕ́ТҲО (Ascomycetes), занбӯруғҳои халтачадор, як навъ *занбӯруғҳои* дараҷаи олӣ. Танаи нашвӣ (митселий)-и онҳо серҳуҷайра аст. А. дар таркиби пардаи ҳуҷайра хитин ном моддаи органикӣ доранд. Беш аз 35000 намуди А. мавҷуд аст; аксаран чун сапрофитҳо дар хок, ҳуҷайраи растаниҳои хушкида, пору, наҷосат, пӯст, мӯй, хӯрокворӣ ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Дар байни А. ангезандаҳои *микозҳои* одаму ҳайвонот низ мавҷуданд. Баъзе А. чорворо заҳролуд намуда, боиси касалиҳои эрготизм ва клависептоксикоз мешаванд. Зиёни А. барои растаниҳо низ зиёд аст. Онҳо дар растанӣ касалиҳои *гарда, саратони растанӣ,* доғзании зироат, *тосак,* тосаки реша ва ғ-ро ба вуҷуд меоваранд. Баъзе занбӯруғҳои мағорро (аз ҷинси пенисилл ва ғ.) дар саноати нон, панир ва дорусозӣ (барои тайёр кардани антибиотикҳо – мас., пенисиллин) истифода мебаранд.

АСКОХИТО́ЗҲО, навъе аз касалиҳои растанӣ. Занбӯруғҳои ҷинси Ascohyta ба вуҷуд меоваранд (мас., A. pisi, A. pinodes, A. piricola, A. sojacola ва ғ.). Дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ дучор меояд. Махсусан намудҳои ба лӯбиёиҳо (нахӯд, боқило, мунч ва ғ.), лӯбиёиҳои бисёрсола (себарга, юнучқа ва ғ.), зағир ва меваю ғуҷуммева зарароварии Ascohyta бештар паҳн шудаанд. Ба нахӯд асосан се намуди А. – сафеддоғ, тирадоғ ва омехта зарар мерасонанд. Ангезандаи А.-и сафеддоғ ба ғилофаку дон ва А.-и тирадоғ ба баргу поя сироят мекунад. Ҳангоми А. дар барги растанӣ доғҳои ҳаҷм (8 – 9,5 мм) ва рангашон гуногун пайдо мешаванд. Аксар доғҳо калону гирд (мас., дар боқило, соя ва қот) буда, рангашон зарди сурхтоб аст. Баргҳои доғзада хушк шуда мерезанд. Дар натиҷаи пайдо шудани доғҳои чуқур пояи растанӣ (мас., боқило) мешиканад, печутоб мехӯрад



Аскохитозҳо.

(мас., зағир); навдаҳои растаниҳои ситрусӣ мехушканд. А. махсусан ба нахӯди русӣ, мунч ва юнучқаи навхез зиёни ҷиддӣ меоварад. Агар занбӯруғ дар ғилофаки лӯбиёиҳо ҷой гирад, пас дон пухта намерасад. Аз таъсири А. қобилияти сабзиши тухмӣ ниҳоят суст мешавад. Баъзан то 25 – 40%-и тухмӣ неш намезанад, 15 – 20%-и ҳосил талаф меёбад. Манбаи паҳншавии ангезандаҳои А. тухмии сироятёфта, дар майдони кишт боқӣ мондани растаниҳо, зироати касал ва ғ. мебошанд.

Тадбирҳои мубориза: дар як замин пай дар пай накоштани лӯбиёиҳо, кишти тухмии навъҳои ба касалӣ тобовар; интихоб намудани тухмии тоза ва сара, ки бо моддаҳои химиявӣ (мас., гранозан) ё оби гарм безарар карда шудааст; нобуд кардани алафҳои бегона, мӯътадил об мондан, кишти якҷояи растаниҳо (мас., себаргаро бо хӯшадорҳо, боқилои хӯроки чорво ва нахӯди русиро бо ҷуворимакка ва ғ.); зуд ва хушсифат ғундоштани ҳосил; ғундошта нест кардани пасмондаи растаниҳо дар киштзор; шудгори тирамоҳии босифат; дар анборҳои шамолрас нигоҳ доштани тухмӣ.

АСКУДОР (форсӣ – ба маънии «*аз куҷо дорӣ*»), пайк, қосид, хабаррасон, номарасон, ҳамчунин манзили ист ва табдили пайкҳо ва халтае, ки дар он нома ва ё рӯйхати ашёву номаҳои ирсолшуда ё чизи мефиристодагиро мегузоранд. Ин истилоҳ дар *девони бариди* сохтори давлатии Сомониён фаровон истифода гардидааст. Дар хусуси як маънои А., ки ба тариқи дафтари сабти воридоту содироти номаҳо ва халтаҳои ирсолӣ мавриди истифода қарор мегирифтааст, муаллифи «Мафотеҳ-ул-улум» чунин овардааст: «Аскудор калимаи форсӣ ва маънии он «аз ку дорӣ» аст, яъне «аз куҷо дорӣ?» ва он мудрачест (рӯйхате), ки дар он теъдоди харитаҳо ва номаҳои вориду содир ва асомии соҳибони онҳо сабт мешавад».

Маъмулан истилоҳи А. ходим ва кормандони почтаи даврони пешинро ифода мекард (ниг. *Барид*).

Ад.: Абуабдуллоҳи Хоразмӣ, «Мафотеҳ-ул-улум». Бунёди фарҳангии Эрон, Т., 1347 ҳ. ш. *Л. Бойматов.*

АСЛА́М АДҲА́М Адҳамов; (18. 10. 1938, ш. Самарқанд – 1. 6. 2000, ноҳ. Ёвон), шоир ва тарҷумони тоҷик. Дар Ун-ти давлатии Самарқанд ва УДТ таҳсил кардааст (нопурра). Корманди г-ҳои «КомсомолиТоҷикистон», «Пионери Тоҷикистон», «Маориф ва маданият» буд. Дар идора ва муассисаҳои илмиву-эҷодӣ – Сарредаксияи илмии ЭСТ, Радиои тоҷик, Хонаи эҷодиёти халқ, нашриёти «Ирфон» дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Мужда» (1962), «Фаввора» (1965) ва «Тароналаи Октябр» (1967) чоп шудаанд. Ба тарҷумонӣ майл карда, беш аз 40 асари адибони кишварҳои гуногун, аз қабили «Василий Тёркин»- и А. Твардовский, «Ёдгорӣ»-и А. С. Пушкин, «Палангинапӯш»-и Ш. Руставели, «Андешаҳои роҳ»-и Э. Межелайтис, «Бӯи гулҳо»-и Л. Украинка, «Шоҳ Эдип»-и Софокл, «Роҳзанон»-и Ф. Шиллер, «Достони полки Игор» ва ғ-ро ба забони тоҷикӣ баргардондааст. Очерку мақолаҳои публитсистиаш дар маҷм. «Касби ман – ифтихори ман» (1979) фароҳам омадаанд. Муаллифи либреттои операи «Ғуломон» (1980). Китоби эпоси халқии қирғиз «Манас»-ро, ки А. А. бо забони тоҷикӣ тарҷума карда буд, нашриёти «Алҳудо» (Т., 1996) бо алифбои арабии форсии тоҷикӣ ба табъ расонд. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 1980.



Ф. Маҳмадуллоев.

АСЛИҲА́, номи умумии олоту воситаҳое, ки дар муборизаи мусаллаҳона барои маҳв кардани лашкари душман ва техникаю иншооти он истифода мешаванд. Рушду равнақи А. ба тарзи истеҳсолот, бахусус ба дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста аст. Кашфи қонунҳои нави физикӣ ва манбаъҳои нави энергия боиси пайдоиши намудҳои нави А., ба миён омадани усулҳои нав ба нави амалиёти ҳарбӣ ва тарзи нави ташкили қӯшунҳо мегардад. Илми ҳарбӣ ҳамзамон такмил додан ва ба вуҷуд овардани навъҳои нав ба нави А.-ро тақозо менамояд.

А. дар ҷамъияти ибтидоӣ чун воситаи ҳимоят ва шикор пайдо шуда, баъдан бо арзи вуҷуд кардани синфҳо ва давлатҳо онро ба мақсадҳои ҳарбӣ бештар истифода мебурданд. А. дар ибтидои пайдоиш аз олоти меҳнат фарқе надошт. Намунаҳои аввалини А. (бумеранг, калтак, шашпар, найзаи чӯбини сангинпайкон, фалахмон ва ғ.) дар давраи *палеолит* истифода мешуданд. Дар ох. ин давра найзаандоз, дар давраи *мезолит* тиру камон, дар давраи *неолит* гурз, ханҷар ва табари сангин рӯйи кор омаданд. Истифода аз металл (биринҷӣ, оҳан) ба рушди пуравҷ ва тағйири куллии шаклу навъҳои А. мусоидат намуд. Аввал аз биринҷӣ ва баъдан аз оҳан сохтани шамшер, табарзин, найза, шоф ва ғ. ривоҷ ёфт. Дар мамлакатҳои Шарқи Қадим, бахусус дар Юнону Рим мошинҳои вазнини сангу гулӯлаандоз ба вуҷуд омаданд. Кашфи борут ба давраи нави такомули А. ибтидо гузошт, А.-и оташфишон пайдо шуд. А.-и оташфишон (намунаи аввалини он мидфаъ) аввалан дар Арабистон (а. 13) ва баъдан (а. 14) дар Европаи Ғарбӣ ва Россия ба вуҷуд омад. Тӯпҳои он давра аз лӯлаи оҳинини дарунсуфта иборат буда, гулӯлаҳои сангин мепарониданд. А.-и оташфишонро бо пилта ё милаи оҳании тафсон оташ медоданд. А.-и оташфишони дастӣ ва *артиллерия* баробар инкишоф меёфт. Дар а. 15 А.-и оташфишони дастӣ – аркебуза, а. 16 туфанги такмил-ёфта – мушкет, инчунин таппонча пайдо шуд. Аз а. 17 ҷиҳозонидани А.-и оташфишони дастӣ бо сарнайза шурӯъ гардид. Нимаи дуюми а. 17 дар Европаи Ғарбӣ ва Россия тӯпҳои артиллерии нав (дохили милаш рахпечдор) ба вуҷуд омаданд, ки дур, саҳеҳ ва бо суръати баланд оташ мефишонданд. Аз нимаи дуюми а. 19 артиш ва флот бо тӯпҳои милашон рахпечдор, инчунин панҷтираю карабин, *мина* ва *торпедаҳо* мусаллаҳ гардид. Ибт. а. 19 дар артиш ва флоти як қатор давлатҳо – Россия, Британияи Кабир, Франсия ракетаҳои ҷангии борутӣ (тимсоли ракетаҳои замонавӣ) пайдо шуданд, вале онҳо бинобар камиқтидории худ васеъ татбиқ наёфтанд. Пайдоиши А.-и автоматӣ дар ох. а. 19 (тӯпи автоматӣ, пулемёт ва ғ.) зинаи муҳими инкишофи А. гардид, ки тараққии пуравҷи онро ихтирои борути бедуд имконпазир гардонд. Тӯпҳои минаандоз (*миномёт*) бори аввал аз ҷониби артиши рус дар Ҷанги русу япон истифода шуданд. Истифодаи васеи танку самолёт дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 – 18) боиси равнақи А.-и онҳо гардид: танкҳо бо пулемётҳои калибрашон 7, 62 – 7, 9 мм ва тӯпҳои калибрашон 37 – 75 мм, самолётҳо бо пулемётҳои калибрашон 7, 62 – 7, 9 мм ва бомбаҳо мусаллаҳ шуданд. Барои мубориза бо авиатсияи душман А.-и зенитӣ ба вуҷуд омад, ки яке аз аввалин намунаҳои он тӯпи зенитии 76 мм (нусхаи с. 1915) буд. Дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ қӯшунҳои Германия бори аввал А.-и химиявӣ ва *огнемёт*ро ба кор бурданд. Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) дар мамлакатҳои гуногун намунаҳои такмилёфтаи А.-и артиллерӣ: тӯпҳои танкзан, тӯпҳои худгард, пулемётҳои гуногун ва ғ. пайдо шуданд. Ибтидои ҶБВ (1941 – 45) Армияи Сурх бори аввал (июли с. 1941) дастгоҳи реактивии «Катюша»-ро истифода бурд. Солҳои 1943 – 44 Армияи Сурх бо дастгоҳҳои артиллериявии худгарди калибрашон 76, 100, 122, 152 мм ва аввалин миномёти калонкалибри 160 мм мусаллаҳ гардид. Дар рафти ҷанг системаҳои реактивӣ дар артиши Германияи фашистӣ ва артиши ШМА пайдо шуданд. Соли 1944 фашистони немис самолёт – снарядҳои идорашавандаи «ФАУ-1» ва ракетаҳои баллистикии идорашавандаи «ФАУ-2»-ро ба кор бурданд. Авг. 1945 Қуввахои Мусаллаҳи ШМА намуди нави А. – силоҳи ядроиро истифода карданд. Ин навъи А. с. 1949 дар СССР, баъдан дар Англия, Франсия, Хитой, Ҳиндустону Покистон низ сохта шуд. Даврони баъдиҷангӣ дар СССР, ШМА, Англия ва дигар мамлакатҳо навъҳои гуногуни ракетаҳо – ҳомилони асосии А.-и ядроӣ (ҳастаӣ) ба вуҷуд омаданд. Ракетаҳое, ки қисмҳои ҷангии ядроӣ доранд, А.-и ракетавии ядроӣ ном гирифтаанд. А.-и ядроӣ дар усул ва шаклҳои бурдани амалиёти ҳарбӣ ва умуман ҷанг, ҳамчунин дар сохтори қуввахои мусаллаҳ дигаргунии куллӣ ба амал оварда.

А.-и имрӯза ба навъҳои А.-и ядроӣ, химиявӣ, бактериологӣ, оташфишон (артиллерӣ), реактивӣ, ракетавӣ, минаандоз, торпедаандоз ва А.-и сард тақсим мешавад. Аз ҷиҳати миқёси таъсир А.-и ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ ба А.-и қатли ом мансуб буда, намудҳои дигари онҳо А.-и муқаррарӣ мебошанд. А.-и артиллерӣ тӯпҳои гуногуннавъи хушкигард (калибрашон 57 – 203 мм), миномётҳои 60 – 240 мм, тӯпҳои зенитии автоматии хурдкалибр (20 – 57 мм), тӯпҳои авиатсионии автоматӣ (20 – 37 мм), артиллерияи киштӣ (40 – 203 мм), тӯпҳои танк (57 – 120 мм), инчунин системаҳои реактивии оташфишониашон шилликӣ (калибри гулӯлаҳои реактивӣ 80 – 240 мм)-ро дар бар мегирад. А. вобаста ба миқёси истифода стратегӣ, оперативию тактикӣ ва тактикӣ мешавад. А.-ро ба навъҳои зерин низ ҷудо мекунанд: беҳаракат, ки дар истиноди ноҷунбон шинонда шудааст (навъҳои ҷудогонаи комплексҳои ракетавӣ, тӯпҳои артиллерияи соҳилию казематӣ ва ғ.), беҳаракати бар асоси мутаҳаррик шинонда-шуда (А.-и самолёт, танк ва ғ.), худгард (тӯпҳои худгард, комплексҳои ракетавии мутаҳаррик ва ғ.), ядакӣ (тӯпҳои артиллерӣ, миномётҳо ва ғ.), ҳамлӣ (кашондашаванда). Мувофиқи шумораи ҳайати ҷангӣ А.-и шахсӣ ва А.-и гурӯҳӣ мавҷуд аст. Таъсирбахшии А.-и замонавӣ ба дурии амал, соҳаи зарбазанӣ, саҳеҳӣ ва тезпаронӣ, манёврнокӣ ва дигар хусусиятҳои ҷангию техникии он вобаста аст. Дар нимаи дуюми а. 20 навъҳои гуногуни лавозимоти ҷангӣ инкишоф ёфтанд. Мас., қуввахои мусаллаҳи баъзе давлатҳо дар баробари ракетаҳои қисмҳои ҷангиашон ядроӣ бо намудҳои дигари лавозимоти ядроӣ: бомбаҳои авиатсионӣ, торпедаҳо, фугасҳо, бомбаҳои умқӣ, гулӯлаҳои артиллерӣ мусаллаҳ мебошанд. Баъзе мамлакатҳои пешрафта ба А.-и лазерӣ ва воситаҳои кайҳонии қатли ом даст ёфтаанд.Ниг. низ *Аслиҳаи авиатсионӣ, Аслиҳаи автоматӣ, Аслиҳаи ракетавӣ.*

АСЛИҲА́И АВИАТСИОНӢ, воситаҳои зарба ва системаҳое, ки истифодаи ҷангии онҳоро таъмин мекунанд ва дар дастгоҳҳои париш (самолётҳо, вертолётҳо ва ғ.) шинонда мешаванд. Ба василаҳои авиатсионии зарба пулемёту тӯпҳои авиатсионӣ ва лавозимоти онҳо, ракетаҳои авиатсионии идорашавандаю идоранашаванда, бомба ва торпедаву минаҳои авиатсионӣ тааллуқ доранд. Системаҳое, ки истифодаи василаҳои зарбаро таъмин мекунанд, дастгоҳу ҷиҳози барои ҷойгир кардани василаҳои зарба ва ҳамчунин нишонгирию идораи оташ зарурбударо дар бар мегиранд. Маҷмӯи ҳамаи воситаҳоеро, ки ба мусаллаҳии дастгоҳи париши муайян мансубанд, А. а. меноманд. А. а. вобаста ба шеваи кор ва тарзи истифода ба чунин навъҳо ҷудо мешавад: ракетавӣ, тӯпу пулемётӣ, бомбаандоз, минаву торпедӣ ва махсус

(ядроӣ, инчунин химиявӣ). Авиатсия дар оғози пешрафташ аслиҳаи махсус надошт ва ба сифати А. а. чанд навъи аслиҳаи оташфишони нерӯҳои хушкигард истифода мешуд. Нахустин намуди А. а. пулемёт буд, ки с. 1911 қариб дар як вақт дар Россия ва Франсия ба таври таҷриба дар самолёт шинонда шуд. Бомбаи авиатсиониро бори нахуст авиатсияи Италия дар ҷанги Италияю Туркия с-ҳои 1911 – 12 истифода бурд. А. а. баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ хеле рушд ёфт. Дар аввали Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аслиҳаи самолёти қиркунанда аз 2 – 3 пулемёт ва 1 – 2 тӯп, бомбаандози миёна аз 3 – 5 пулемёт ё аз 1 тӯпу то 4 пулемёт ва 500 – 2000 кг бомба, бомбаандози вазнин аз 4 – 6 пулемёт ё 1 – 2 тӯпу 4 – 5 пулемёт ва то 4000 кг бомба иборат буд. Ракетаҳои авиатсионии гуногунвазифаи идорашавандаву идоранашаванда, ки қувваи зарбазании калон доранд, асоситарин аслиҳаи самолётҳои замонавӣ мебошанд. Самолётҳои қиркунанда бо намудҳои гуногуни ракетаҳои идорашавандаи навъи «Ҳавов – ҳаво» (вазнашон аз 50 то 450 кг, дурпарвозиашон аз 5 – 7 то 100 км), ракетаҳои идорашаванда (аз ҷумла бо заряди ядроӣ), тӯпҳои тезпарон (дар як дақ. то 6000 тир мепаронанд) мусаллаҳанд. Аслиҳаи самолётҳои қиркунандаю бомбаандоз ва самолётҳои бомбаандози тактикӣ бомбаҳои зарядашон ядроӣ ва муқаррарӣ (вазнашон 3 – 5 т ва зиёда аз он), навъҳои гуногуни ракетаҳои идорашаванда (вазнашон то 1 т ва аз он зиёд, дурпарвозиашон то 300 км), инчунин ракетаҳои идоранашаванда ва тӯпҳо мебошанд. Самолётҳои бомбаандози стратегӣ бо ракетаҳои идорашавандаи навъи «Ҳавов – замин» (дурпарвозиашон то 1000 км ва зиёда аз ин), аслиҳаи мудофиавӣ (то 4 тӯпи тезпарон) мусаллаҳ мебошанд. Онҳо бомбаҳои ядроӣ ва муқаррариро низ гирифта метавонанд. Самолёт ва вертолётҳое, ки барои нобуд кардани киштиҳои зериобӣ таъйин шудаанд, бо торпедаҳо, бомбаҳои умқӣ, ракетаҳои идорашавандаи «Ҳаво – замин» мусаллаҳанд. Амалиёти А. а. ба дараҷаи баланд автоматонида шудааст. А. а. бо роҳи зиёд кардани дурпарвозӣ ва баланд бардоштани дараҷаи дақиқтар ба ҳадафрасии ракетаҳои идорашавандаи навъи «Ҳаво – замин» такмил меёбад.

АСЛИҲА́И АВТОМАТӢ, аслиҳаи оташфишон, ки дар он тирпаронӣ ба таъсири гази борутӣ ба таври автоматӣ такрор меёбад. Дар А. а. энергияи гази борутӣ, ки ҳангоми оташфишонӣ ба вуҷуд меояд, на танҳо барои ба ҳаракат овардани тир (гулӯла), балки баҳри аз нав пур кардани аслиҳа бо тир ва парондани тири навбатӣ низ истифода мешавад. Ба воситаи А. а. ҳам яктогӣ ва ҳам бефосила тир холӣ кардан мумкин аст. Аслиҳае, ки дар он танҳо ҷараёни тирҷокунӣ автоматист, аслиҳаи нимавтоматӣ ва аслиҳае, ки бефосила (худ ба худ) тир мепаронад, А. а. ном дорад. Хусусияти асосии А. а. ин аст, ки он бисёр ва босуръат тир мепаронад, бинобар ҳамин ба воситаи тирборонкунӣ ҳадафҳои мутаҳаррикро зуд маҳв кардан мумкин аст.



Ракетаи дорои заряди ядроӣ.

А. а. нимаи дуюми а. 19 пайдо шуд. Соли 1963 конструктори америкоӣ Р. Пилони туфанги автоматӣ сохт. Лоиҳаи аввалин туфанги автоматиро дар Россия с. 1887 Д. А. Рудниский пешниҳод намуд. Ибт. с. 1900 дар артиши мамлакатҳои гуногун пулемёти Максим (Х. Максим, ШМА, с. 1883) маъмул гардид. Солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар артиши рус туфанги автоматии Н. Г. Федоровро ба кор мебурданд. Баъди анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳонӣ техникаи аслиҳасозӣ хеле ривоҷ ёфт. П. М. Горюнов, В. А. Дегтярёв, С. Г. Симонов, А. И. Судаев, Ф. В. Токаров, Г. С. Шпагин, Б. Г. Шпиталний ва дигар конструкторони боистеъдод навъҳои нави А. а.-е ба вуҷуд оварданд, ки дар ҶБВ (1941 – 45) бомуваффақият истифода шуданд. Конструкторони насли минбаъда Е. Ф. Драгунов, М. Г. Калашников, Н. Ф. Макаров ва дигарон дар такмили А. а. нақши муҳим бозиданд. А. а. вобаста ба вазифаҳои ҷангиаш ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: таппончаҳои автоматӣ, автоматҳо, туфангҳои автоматӣ (карабинҳо), туфангҳои нимавтоматӣ, пулемётҳои дастӣ, пулемётҳои чархдор, пулемётҳои калонмил, тӯпҳои автоматӣ. Сохти автоматикаи А. а. ба тарзи истифодаи энергияи газҳои борутӣ вобаста аст. Кори автоматии А. а.-и муосир ба усули ақибзании мил ё затвор ва ё газҳои борутиро ба камераи махсусе ҷудо карда истифода бурдани он асос ёфтааст. Ҳоло дар ҳамаи артишҳо асосан А. а.-ро истифода мебаранд. Тирпаронии босуръати А. а. боиси дарҳол гарм шудани мили он мегардад, аз ин рӯ усули сард кардани мил аҳамияти калон дорад. Нусхаҳои аввалини пулемётҳои чархдорро бо об сард мекарданд, ки истифодаи онҳоро дар шароити беобӣ душвор мегардонд. Мили А. а.-и замонавӣ бо ҳаво сард карда мешавад.

Ад.: Горов Э. А., Гнатовский Н. И., Основная устройства автоматического оружия, Пенза, 1960.

АСЛИҲА́И РАКЕТАВӢ, системае, ки дар он воситаи зарба бо ёрии ракетаҳои идоранашаванда ё идорашаванда ба нишон расонда мешавад. А. р. комплексест, ки ракетаи дорои заряди ядроӣ ё муқаррарӣ, дастгоҳи раҳокунанда, воситаҳои нишонгир, таҷҳизоти тафтишу раҳокунанда, воситаҳои идораи парвози ракета, воситаҳои нақлиёт ва дигар таҷҳизоти заруриро дар бар мегирад. А. р. барои ба душман дар хушкӣ,

баҳр ва ҳаво расондани зарба истифода мешавад. Дурпарвозӣ, суръати хеле калони парвози ракета, имконияти ба нишон бурда расондани заряди бағоят пуриқтидори моддаи тарканда, дақиқии ба нишон расидан, қобилияти баланди манёвр ҳангоми парвоз ва қариб зарбанорас будани ракетаҳо, дараҷаи баланди омодагии ҷангӣ хусусиятҳои асосии А. р. мебошанд.

Одитарин А. р., эҳтимол, тирҳое буданд, ки ба онҳо гилзаҳои коғазии пур аз моддаи таркандаи борутӣ насб карда мешуданд; ҳангоми парвози тир борут сӯхта гулӯларо ба пеш тела медод. Ин гуна тирҳоро дар Ҳиндустон ва Хитой дар а-ҳои 10 – 12 барои муҳосираи қалъаҳо ба кор мебурданд. Дар Европа аввалин ракетаҳо а. 15 пайдо шуданд. Дар Россия нахустин ракетаи ҷангӣ с. 1915 аз рӯйи лоиҳаи генерал А. Д. Засядко сохта шуд. Ибт. а. 20 олими рус К. Э. Сиолковский асоси илмии назарияи ҳаракати реактивиро ба вуҷуд овард. Дар асоси тадқиқоти И. В. Мешерский (1897), К. Э. Сиолковский (1903) ва дастовардҳои минбаъдаи физика, химия ва механика техникаи ракетӣ с-ҳои 20 – 30 а. 20 босуръат инкишоф ёфт. Солҳои 30 а. 20 дар СССР ракетаҳо (снарядҳои реактивӣ) сохта шуданд, ки онҳоро с. 1939 авиатсияи шӯравӣ дар муҳорибаҳои назди д. Халхин-Гол истифода бурд. Ибтидои ҶБВ (1941 – 45) қисмҳои хушкигарди Армияи Сурх бо системаҳои реактивии БМ-13 («Катюша») мусаллаҳ гардиданд. Дертар Қувваҳои ҳарбии ҳавоии ШМА (1942), Англия (1942), Германия (1943) низ бо ракетаҳо мусаллаҳ шуданд. Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939 – 45) артиши фашистии Германия ракетаи баллистикии идорашавандаи А. – 4 (ФАУ – 2)-ро барои бомбаборон кардани Лондон, Антверпен, Брюссел ва Леж истифода бурд. Солҳои 50 – 60 а. 20 қӯшунҳои СССР, ШМА, Британияи Кабир, Франсия, баъдан Хитой ба ракетаҳои таъйиноташон гуногун соҳиб шуданд. Вобаста ба ҷойи омодашавӣ ба парвоз ва мавқеи нишон чунин навъҳои ракета мавҷуданд: «Замин – замин» (аз замин сӯйи ҳадафҳои рӯйизаминӣ ё рӯйиобӣ паронда мешавад), «Замин – ҳаво» (аз замин ё сатҳи баҳр сӯйи ҳадафҳои ҳавоӣ ва аз ҷумла қисмҳои ҷангии ракетаҳои баллистикии идорашаванда паронда мешавад), «Ҳаво – замин» (аз самолёт сӯйи ҳадафҳои рӯйизаминӣ ва рӯйиобӣ паронда мешавад), «Ҳаво – ҳаво» (аз сомолёт сӯйи ҳадафҳои ҳавоӣ паронда мешавад). Ракетаҳо зарядҳои ядроӣ ва инчунин зарядҳои муқаррариро низ бурда метавонанд. А. р. аз рӯйи таъйинот, навъи ракетаҳо, иқтидори заряд ва ичрои вазифа стратегӣ (барои зарба задан ба объектҳои муҳими стратегии душман – воситаҳои ҳуҷуми ядроӣ, марказҳои маъмурӣ-сиёсӣ ва саноати ҳарбӣ, гурӯҳҳои калони қӯшун ва ғ.), оперативӣ-тактикӣ (барои зарба задан ба аэродромҳо, воситаҳои ҳуҷуми ядроӣ, бандаргоҳҳои роҳи оҳан, марказҳои таъминот, захираҳои оперативӣ (фаврӣ), тӯдаи қӯшунҳо ва дигар объектҳо) ва тактикӣ (барои зарба задан ба объектҳои воқеъ дар доираи амалиёти тактикӣ) мешавад. Дар Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, инчунин қӯшунҳои хушкигард бо А. р. таъминанд. Ракетаҳои зенитии идорашаванда силоҳи асосии қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ буда, ҳамаи навъҳои қӯшун низ бо онҳо мусаллаҳанд. Дар қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои хориҷӣ А. р. бештар дар Россия ва ШМА инкишоф ёфтааст. Дар ин давлатҳо А. р.-и стратегӣ аз ракетаҳои рӯйизаминии байниқитъавӣ, ракетаҳои самолётҳои бомбаандози стратегӣ, ракетаҳои киштиҳои зериобӣ, А. р.-и тактикӣ аз ракетаҳои идорашаванда, ки қисмҳои қӯшуни ракетии ҷудогона бо онҳо мусаллаҳанд, инчунин аз ракетаҳое, ки самолётҳои бомбаандоз ва қиркунандаи авиатсияи тактикӣ мусалаҳанд ва ғ. таркиб ёфтааст.

АСЛИҲА́И РЕАКТИВӢ, силоҳҳое, ки заряди ҷангии онҳо ба ҳадаф ба воситаи қувваҳои кашиши мутаҳаррикҳои реактивӣ расонда мешавад.Ниг. низ *Аслиҳаи ракетавӣ.*

АСЛИҲА́И ҲИФОЗАТӢ, васоити ҳифзи сарбоз дар ҷанг: сипар, тоскулоҳҳои филизӣ (хӯд, миғфар); ҷавшан, чороина, баргустувон ва садрияҳои чармӣ; зиреҳҳои алоҳида барои зону, китф ва бозу, дастпӯшак, мӯза ва ғ. Сарбозони Юнон ва Рими Қадим зиреҳҳои биринҷӣ ва филизии ба ҳам васлшаванда (мисли тахтапушти сангпушт) мепӯшиданд. Дар атришҳои Шарқи Қадим, Хитой, Ҳиндустон А. ҳ.-ро аз филизот, чарм ва чӯб месохтанд. Дар Европаи Ғарбӣ ритсарҳо ҷавшан (зиреҳи комили саропоӣ) ба бар мекарданд. А. ҳ.-и вазнин то а.-ҳои 16 – 17 истифода мешуд. А.-ҳои 18 – 19 А. ҳ.-и нисбатан сабук маъмул гашт. Аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ инҷониб тоскулоҳҳои пӯлодӣ истифода мешаванд. Баъди пайдо шудани силоҳи оташфишон ва навъҳои такмилёфтаи А. ҳ. воситаҳои ҳифозатии қадима аҳамияти худро гум карданд. Воситаҳои ҳифозатии замони ҳозира барои сарбозон тоскулоҳҳои пӯлодӣ, камзӯлчаи зиреҳдор, ниқоби зиддии газ, айнаки муҳофизатӣ, либосу пойафзори аз масолеҳи бадошт дӯхташуда ва барои техника сипари пеши тӯп, зиреҳи танк ва ғ. мебошанд. А. ҳ.-и умумӣ (барои сарбоз ва техника) низ мавҷуданд.

АСЛО́НОВ Маҳкам (тав. 15. 5. 1935, ш. Ӯротеппа; ҳоло Истаравшан), файласуф, проф. (1996). Корманди шоистаи Тоҷикистон (1998), узви вобастаи Академияи илмҳои Байналхалқии мактабҳои олӣ (1996). Хатмкардаи УДТ (1960). Муаллими мактаби миёна дар ш. Ӯротеппа (1960 – 62), аспирант, муаллими калон ва дотсенти кафедраи фалсафа ва коммунизми илмии УДТ (1962 – 72), мудири кафедраи фалсафа, коммунизми илмӣ, таърих ва сиёсатшиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (1972 – 2002). Аз с. 2002 проф. кафедраи илмҳои гуманитарии ҳамин донишгоҳ. Муаллифи зиёда аз 100 китобу рисола ва мақолаҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ ва методӣ. Ба масъалаи паҳн гардидани идеяҳои марксистӣ-ленинӣ дар Тоҷикистон бештар таваҷҷӯҳ намудааст. Бо ордени Шараф, медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз гардидааст.



Ос.: Из истории распространения марксистско-ленинских идей в Таджикистане (1905 – 07), Д., 1965; Паҳн шудани идеяҳои ленинизм дар Тоҷикистон, Д., 1971.

АСМО́Ъ ВА СИФО́Т (ар. – ҷамъи ном ва моҳият, сифат, хусусият), дар фалсафаи ирфонӣ исму сифатҳои Худовандро аввалӣ ба зот ва охирӣ ба эътиборот ё худ моҳиятҳои он ишора мекунад. Дар сураҳои Аъроф (180), Исроъ (110), Таҳ (8) ва Ҳашр (22) роҷеъ ба исмҳои илоҳӣ ба унвони «асмо-ул-ҳусно» сухан рафта, ки онҳо дар Қуръони Карим аз 99 ном иборатанд ва ҳамаи онҳо дар исми «Аллоҳ» таҷассуми худро ёфтаанд. Ҳамин исмҳои илоҳиро дар маорифи динӣ А. меноманд. Сифатҳои илоҳӣ дар марҳилаи ҳақиқат-ул-ҳақоиқ айни зот ё баробар бо исми марбутаи он мебошад, вале дар марҳилаи зуҳур (таҷаллии аввал) он сифат ба илми илоҳӣ (яъне дар ақли Худованд пайдо шудани мавҷудот дар

шакли муҷаррад) табдил меёбад ва дар таҷаллии сонӣ (дуюм) оламҳои муҷарраду моддӣ пайдо хоҳанд шуд.

Сифатҳои ҳақро баъзе орифон ба се (ҷамолӣ, ҷалолӣ, камолӣ) ва баъзеи дигар ба 4 (зотӣ, ҷамолӣ, ҷалолӣ ва камолӣ) тақсим намудаанд. Сифатҳои ба лутфу раҳмати Худованд марбутро, сифатҳои ҷамолӣ ва ба қаҳру ҳайбат вобастаро сифатҳои ҷалолӣ меноманд. Ҳар ҷое, ки сифати ҷамол зуҳур кунад, сифати ҷалол дар ботини он ниҳон аст ва ҳар ҷое, ки сифати ҷалол таҷаллӣ кунад, сифати ҷамол дар ботини он ниҳон хоҳад буд. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мефармояд:

Сифоти ҳақтаоло лутфу қаҳр аст,
Руху зулфи бутонро з-он ду баҳр аст.
Ба он рух нуқтаи холаш басит аст,
Ки асли маркази даври муҳит аст.

Яке аз муҳаққиқони покистонӣ Б. А. Дор гуфтааст, ки агар сифатҳои зот ва ҷамолу ҷалоли илоҳиро ҳамчун мазҳари он дар олами ҳастӣ татбиқ намоем, «биҳишт мазҳари ҷамоли мутлақ аст, дар ҳоле, ки дӯзах мазҳари ҷалоли мутлақ мебошад ва инсони комил ба танҳоӣ мазҳари комили ҳамаи сифатҳои илоҳист». Ин чумла чунин маънӣ дорад, ки ҳақиқати ҳақ чун аз ғояти сафо ҷамоли ҳусн ба дараҷаи камол дорад, ин ҳусну ҷамолро ишқу муҳаббат мебояд. Ҳамин муҳаббати ӯ ба ҳусну ҷамоли хеш ӯро водор ба иқтизои зуҳур мекунад ва ин зуҳур мазоҳири худро ба илми илоҳӣ арза медорад.

Абдулқодири Бағдодӣ дар «Фарқ байн-ал-фирақ» сифатҳоро ба се гурӯҳ чудо кардааст. Гурӯҳи аввал ба зоти Офаридгор (воҳид, ғанӣ, аввал, охир, ҷамил ва ғ.) далолат мекунад. Гурӯҳи дуюм сифатҳои азалӣ (ҳай, қодир, олим, сомеъ ва ғ.)-ро ифода менамояд ва гурӯҳи сеюм сифатҳои феълии ҳақанд (холиқ, раззоқ, одил ва ғ.). Исми ҷомеи ҳақ «Аллоҳ», ки мазҳари ҳамаи сифатҳои махсуси зоти Офаридгорро доро мебошад, ба тавассути сифаташ дар олам зоҳир мешавад. Инсон агар дар ҷараёни маърифати ботинӣ ба дарки А. ноил шавад, ҳақиқати ҳақро низ дарк хоҳад кард.

Ад.: Илоҳии Камшеӣ, Ҳикмати илоҳӣ, Т., 1367; Таърихи фалсафа дар ислом, ҷ. 2, Т., 1369; Саидяҳё Ясрибӣ, Ирфони назарӣ, Қум, 1368.

М. Ҳазратқулов.

АСМУССЕН Йес Петер (тав. 2. 11. 1928 Аабенраа, Дания – 5. 08. 2002, Копенгаген), шарқшиноси даниягӣ. Донишкадаи илоҳиёти Донишгоҳи Копенгагенро хатм намудааст (1954). Омӯзгор (1955 – 1961). Солҳои 1960 – 67 дар Донишгоҳи Копенгаген вазифаҳои гуногунро ба ӯҳда дошт. Баъдан мудири кафедраи эроншиносии фак-ти филологияи Шарқи донишгоҳи мазкур таъйин шуд. А. с. 1964 дар маҷ. «Акта Ориенталиа» (ҷ. 28) матни тоҷикии афсонаи «Лаклак»-ро бо тарҷумаи англисиаш нашр намуд. Китоби А. «Афсона ва масалҳои халқҳои эронӣ» (1984) намунаҳои фолклори тоҷикон, курдҳо ва осетинҳо, инчунин масалҳои Кошифӣ ва Ҷалолуддини Румиро дар бар мегирад. А. дар охирсухани китоб фолклори тоҷикро бо фолклори дигар халқҳои эронӣ муқоиса кардааст. А. ҳамчун эроншинос асарҳои зиёди илмӣ таълиф намудааст: «Мутуни таърихии даврони Ҳахоманишӣ» (1960), «Эрониён дар Осиёи Марказӣ: мулоҳизоте дар фарҳанг ва таърихи адён» (1963), «Осори мазҳабии паҳлавӣ» (1964), «Монавият» (1968), «Оини Зардушт» (1968), «Таълимоти динии Зардушт дар партави таърихи адён» (1970), «Мулоҳизоте чанд дар бораи андарзномаҳои даврааи Сосониён» (1971), «Назаре ба адабиёти классикии Эрон» (1971), «Мутуни пеш аз ислом» (1972), «Адабиёти Эрон» (1973), «Адабиёти монавӣ» (1975), «Фарҳанги меҳрпарастӣ» (1975) ва ғ. А. узви Академияи фанҳои шоҳии Дания (1973) мебошад.

Ад.: Фарҳанги ховаршиносон, Т., 1997.

Қ. Расулиён.

АСМЭ́РА (Asmara), Асмара, пойтахти Эритрея. Дар қисми марказии суфакӯҳи Эритрея, дар баландии 2300 м воқеъ гаштааст. Аҳолиаш 400 ҳазор нафар, бо сокинони гирду атрофаш – бештар аз 900 ҳазор нафар (2010). А. дар а. 12 аз 4 қарияи муттаҳидшуда чун маркази тиҷоратӣ ба вуҷуд омада, с. 1889 мустамликаи Италия ва с. 1897 маркази колонияи он гардид. Солҳои 30 а. 20 симои А. тамоман тағйир ёфта, онро «Рими хурд» меномиданд ва таъсири Италия дар ҳама ҷо эҳсос мешуд. Ҳоло низ хиёбону майдонҳо, нуқтаҳои савдо, хизмати маишӣ, фароғатгоҳҳо номҳои италиявӣ доранд. Аҳолӣ асосан ба забонҳои италиявӣ, англисӣ, арабӣ ва тиграня гуфтугӯ мекунанд. Дар А. истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, пойафзорборӣ, масолеҳи бинокорӣ ва кулолгарӣ роҳандозӣ шудааст. Биноҳои А. дар равияҳои гуногуни классикӣ ва замонавӣ бунёд гардидаанд: Калисои ҷомеи римӣ – дар равияи неороманӣ, Қасри губернатор – неоклассикӣ, кинотеатри «Импе-



Асмэра. Маркази шаҳр.

ро» – «арт деко», осоишгоҳи «Африка» – дар равияи кубизм ва ғ. Дар А. донишгоҳ, китобхонаи давлатӣ, музейи миллӣ фаъолият доранд.

АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ, ҳуҷҷати ҳуқуқӣ. Мувофиқи моддаи 3-и Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» амали шаҳрванд ё ҳолатест, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо гардида, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонро муайян менамояд. Ҳолатҳои мазкур тибқи тартиби муқарраршуда сабт карда мешаванд. Амалу ҳолатҳое, ки ба навъҳои А. мутобиқи қонуни марбута ворид намудаанд, аз ин доираи қонун берунанд.

Ҳолати шаҳрвандии мардум якхела набуда, вобаста ба вазъ ва зуҳуроти мушаххас ташхис мегардад ва ба арқому вазъе, ки ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандон аз онҳо вобастагӣ дорад, дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар мавриди зарурӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Сабти ҳолати шаҳрвандӣ амалест, ки одамонро фардан мушаххас менамояд (ба тифл ном гузоштан, тағйир додани ном, номи падар, насаб), сабаби ба вуҷуд омадан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молумулкӣ, ғайримолумулкӣ, оилавӣ (таваллуд, бастани ақди никоҳ ё бекор кардани он, васоят, фарзандхондӣ, маҳрум гардондан аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ, марг) мегардад. Қайди ақди ҳолати шаҳрвандӣ дар мақомоти махсуси давлатӣ – Сабти ақди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) сурат мегирад. Дар баробари истифода аз амалиёти вобаста ба сабти ҳолати шаҳрвандӣ, шахс аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои нав бархурдор гашта, масъулияти наверо соҳиб мегардад. Чунончӣ дар ҳолати дигар кардани номи худ, шаҳрванд вазифадор аст, ки барои огоҳ намудани қарздорону қарзхоҳон дар хусуси дигар кардани номаш хабар диҳад, вагарна он паёмад оқибатҳои хавфнокеро дар пай дорад.

М.Маҳмудов.

АСОБАҒА́Л, асо, афзорест, ки ҳангоми беморӣ, иллати пой ё сутун-

мӯҳра роҳгардиро осон мекунад. А. ду хел мешавад: А.-е, ки барои панҷаи даст ва зери бағал такягоҳ дорад ва А.-е, ки такягоҳаш барои панҷа ва банди даст аст. А.-и якум васлшаванда буда, дарозии онро вобаста ба қади бемор тағйир додан мумкин аст. Чунин А.-ро аз чӯби сахт ё филизот тайёр мекунанд. Он аз ду пояи дастадор (такягоҳ) барои зери бағал (дар боло) ва даста барои панҷаи даст, ки бо мурват ба миёнаҷои пояҳо устувор мекунанд, иборат мебошад; дастаро мувофиқи қаду қомат боло ё поён кардан мумкин аст. Ба такягоҳи зери бағал намаду чарм медӯзанд. Пояҳо дар поён бо ду мурват ба пояи асосӣ васл шудаанд. А. набояд аз ҳад баланд ё паст бошад. А.-и аз ҳад баланд пӯстро обиладор ва асабу рагҳои зери бағалро иллатнок мекунад. А.-и паст бошад, ҳангоми ҳаракат ноустуворӣ ба амал меоварад, зеро вазни бадан ба панҷа гузашта, шахс зуд хаста мегардад. А.-е, ки барои панҷаю банди даст такягоҳ дорад, одатан, васл намешавад; онро фақат мувофиқи андоза месозанд. Ин гуна асо аз такягоҳи беҳаракат (барои панҷаи даст) ва оринҷмонак (дар қисми болоӣ) таркиб ёфтааст. Оринҷмонак бояд баробари сеяки банди даст бошад. Ба рӯи оринҷмонак ва такягоҳи панҷаи даст чарм медӯзанд. Ин намуди А. барои одамони бақуввату мушакҳои дастаашон пурзӯр мувофиқ аст. Бо қоидаҳои истифодаи А. беморро духтур ё нозири варзиши шифоӣ шинос мекунад.

АСО́ЕВ Панҷшанбе (тав. 30. 11. 1947, ноҳ. Ванҷ), ветеринар, доктори илмҳои ветеринарӣ (2011). Хатмкардаи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1970). Аспирант (1976 – 80), директори лабораторияи ветеринарӣ (1980 – 90) ва сардори Стансияи муборизаи зидди касалиҳои ҳайвоноти ноҳ. Ванҷ (1990 – 99), корманди калони илмӣ (1999 – 2000) ва мудири Озмоишгоҳи экологияи ветеринарӣ (2000 – 10). Аз с. 2010 мудири Озмоишгоҳи экспертизаи ветеринарию санитарӣ ва экологияи Ин-ти ветеринарии АИКТ. Пажӯҳишҳояш ба қобилияти насловарии модаговҳо дар шароити аз нигоҳи экологӣ ифлос бахшида шудаанд. Зери роҳбарии А. 1 нафар рисолаи номзади илм ва 1 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Муаллифи зиёда аз 36 тадқиқоти илмист.

Ос.: Эффективность препарата «Витагин-1» при лечении эндометрита коров в условиях высокогорья Памира. Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной 100-летию со дня рождения профессора В. А. Акатова, Воронеж, 2009; Влияние витаминно-минеральных и утеротонических препаратов в профилактике акушерско-гинекологической патологии у коров в зоне техногенного загрязнения. Материалы первой международной научно-практической конференции молодых ученых и специалистов, Киев, 2009; Эфективность антимикробного препарата бромметрин при лечении эндометрита коров в условиях высокогоря Таджикистана, «Кишоварз», № 2, 2010.

АСО́ЕВ Ҷононбек (тав. 1. 8. 1954, деҳаи Боғи Нави ноҳ. Восеъ), рассом, Арбоби ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008). Хатмкардаи омӯзишгоҳи рассомии ш. Душанбе (1979). Солҳои 1979 – 89 рассоми шӯъбаи фарҳанги ноҳ. Восеъ буд. Аз с. 1989 саррассоми Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб. Эҷодиёташ серпаҳлуст, дар мавзӯъҳои мухталиф зиёда аз 260 мусаввара офаридааст. А. яке аз ташкилкунандагони осорхонаи «Ҳунармандон»-и ш. Кӯлоб буда, қариб 40 китоби адибони тоҷикро оро додааст. Мусаввараҳояш «Сартарошон», «Тӯй», «Модари хушбахт», «Ё раб», «Азон», «Бӯи нон», «Кӯчаи бачагӣ», «Ҷангалзор», «Наврӯз», «Қуллаҳо» ва ғ. аз маҳорати баланди эҷодии ӯ шаҳодат медиҳанд. Ороиши қариб 90 намоишномаи театрӣ ба А. тааллуқ доранд, ки «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддус, «Мири Кабир»-и М. Ғоиб, «Номус»-и Кришан Чандр аз ҷумлаи онҳоанд. Асарҳояш дар Германия, Булғория, Россия, Руминия, Сурия, Югославия, Эрон ва дигар давлатҳо ба намоиш гузошта шудаанд. Узви ИР Тоҷикистон аз с. 1985. Бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.

АСОЗОДА́ Худойназар (тав. 25. 12. 1941, деҳаи Момайии ноҳ. Балҷувон), адабиётшинос-шарқшинос, мунаққиди тоҷик, доктори илмҳои филология (1989), проф. (1990). Омӯзишгоҳи педагогии ш. Кӯлоб (1960) ва УДТ-ро хатм намудааст (1968). Муаллими мактаби миёнаи ноҳ. Колхозобод дар шаҳраки Ҷиликӯли (1960 – 63), лаборанти кафедраи забони тоҷикии фак-ти филологияи УДТ (1968 – 70). Солҳои 1971 – 88 дар аспирантураи УДТ ва докторантураи Ин-ти шарқшиносии АИ СССР таҳсил кардааст. Инчунин муддати 7 сол дар Афғонистон тарҷумон буд. Проф. кафедраи назария ва адабиёти муосири тоҷик (1989 – 92), муовини аввали ректори Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон (1992 – 93), мудири кафедраи назария ва адабиёти тоҷик (1993 – 96), декани фак-ти филологияи ДМТ (1996 – 99), мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (1999 – 2005), ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2005 – 08) буд. Аз с. 2008 проф. кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ мебошад. Муаллифи зиёда аз 200 мақолаву рисола, китобҳои дарсӣ, васоиту дастурҳои таълимӣ. Дар доираи таҳқиқи се ҳавзаи адабии форсизабонон А. аввал рисолаи «Адабиёти форсӣ ва се шохаи он» (1997), баъдан монографияҳои «Адабиёти садаи 20-и форсии тоҷикӣ» (1996), «Адабиёти Эрон дар садаи 20» (1997) ва «Адабиёти тоҷик дар садаи 20» (1989), «Адабиёти тоҷик барои синфи 11» (бо ҳамкории А. Кӯчаров)-ро таълиф намуда, ба табъ расонд. А. ба ҳаёту эҷодиёти С. Айнӣ, шинохти шахсияти ӯ таваҷҷӯҳи хосе дорад. Рисолаҳои «Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода» (2001), «Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ» (2004), «Кашшофи рози адабиёт» (2004, ба муносибати 80-солагии С. Ш. Табаров), «Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ» (2004), «Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ» (2010) аз лиҳози назария ва амалияи адабиётшиносӣ пурқиммат буда, дорои ҷанбаи амиқи таҳлилӣ мебошанд. А. дар навиштани барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ низ саҳми муносиб дорад. Узви ИН Тоҷикистон аз с. 2000.



Ос.: Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ, Д., 1996; Абулқосими Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода, Д., 1999; Афғонистони шоҳӣ, Д., 2002; Афғонистони инқилобӣ, Д., 2003; Достони зиндагӣ, ҷ.-ҳои 1 – 3, Д., 2006 – 2007; Содиқ Ҳидоят ва дунёи эҷоди ӯ, Д., 2007; Саргузашти устод Лоҳутӣ, Д., 2009. *М. Диловаров.*

АСО́И МУ́СО, Асои Калим, дар ривоятҳои динӣ асои мӯъҷизагари Мусои пайғамбар, ки сеҳру ҷодуро барҳам медод. Агар Мусо асояшро ба санг мезад, аз он об мебаромад, агар аз даст раҳо мекард, он ба мори бузург, аждаҳо табдил меёфт. Дар адабиёти даврони гузаштаи форсӣ-тоҷик, махсусан дар эҷодиёти шоирони мутасаввиф, ки асоро ба мафҳуми ирфонӣ корбаст намудаанд, ишораҳо ба Мусо ва асои ӯ ба назар мерасанд:

То набошад ҳамчу Мусо ошиқе,
Ҳар асо дар даст сӯъбон кай шавад.
(*Аттор*).

В-он гаҳ найза гӯяд: «Ман сеҳрҳои куфр,
Ҳамчун асои Мусии Имрон қабо кунам».
(*Масъуди Саъд*).

Кард Фиръавни лаъинро ғарқ дар дарёи Нил,
Дар кафи Мусо асоро мори сӯъбон офарид.
(*Аҳмади Ҷомӣ*).


Асои Мусо дар давраи гулшукуфт.

АСО́И МУСО́ (Abelia), авлоди бутта ё дарахтони реза, мансуби мушолиҳо. Баргаш тухмшакл ё нештармонанд, гули сафед ё гулобии хушбӯй, зангӯлашакл дорад. Зиёда аз 30 намуди он маълум аст. Асосан дар ноҳияҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ ва Америкаи Марказӣ мерӯяд. Дар Тоҷикистон 4 намудаш (A. chinemsis, A. umellata, A. zanderi, A. grandiflora) чун растании ороишӣ парвариш мешавад. Махсусан як намуди он (A. grandiflora) сергул ва давраи гулаш бардавом буда, барои сабзкорӣ истифода мешавад. А. М. растании сармобардор аст. Дар сурати аз хунукӣ зиён дидан ҳам гул мекунад.

АСОМУДДИН МУРО́ДОВ, деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҷӯра Назарови ноҳ. Шаҳритуз. Аз А. то маркази ноҳия – шаҳраки Шаҳритуз 25 км; роҳ автомобилгард. Аҳолиаш 2886 нафар (2009), тоҷикон. Бунгоҳи тиббӣ, мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 5 нуқтаи савдои хусусӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ: пахтакорӣ, сабзаваткорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон ба воситаи канали Хушодӣ обёрӣ мешаванд.

АСОС, дар забоншиносӣ, қисми пеш аз бандакҳо (анҷомаҳо) – морфемаҳои шаклсоз омадаи калимаҳо, ки аз як, ду ва ё зиёдтар реша ва пешванд (префикс)-у пасванд (суффикс) иборат аст. Азбаски дар забони тоҷикӣ категорияҳои дастурии ҳолат (падеж) ва ҷинсият вуҷуд надоранд, дар аксар мавридҳо А.-и гурӯҳҳои луғавию дастурии калимаҳо (ба истиснои феълҳо) бо *реша* баробар аст: бародар-и ман, хона-е, бист-ум, оҳиста-тар ва ғ. Дар забони тоҷикӣ А.-ҳои рехта ва сохта, А.-ҳои феъл мавҷуданд. А.-ҳои рехта ба реша баробаранд: падар, ман, баъзе, баланд, даҳ ва ғ.; А.-ҳои сохта бо пешванду пасванд сохта мешаванд: ҳамсоя, нодон, хирадманд ва ғ. Феълҳо дар забони тоҷикӣ дорои ду А. – А.-и замони ҳозира ва А.-и замони гузашта мебошанд. А.-и замони ҳозира (хон, рав, дӯз, гӯй ва ғ.) ба шахси дуюми танҳо, феъли фармоиш (сиғаи амр) баробар буда, амалеро мефаҳмонад, ки ба замони ҳозира ва ё бештар ба замони оянда мансуб аст. А.-и замони гузашта амали дар гузашта воқеъшударо мефаҳмонад, ба шахси сеюми шумораи танҳои сиғаи хабарӣ (вай рафт, гуфт, хонд, шунид ва ғ.) далолат мекунад. Фарқи А.-ҳои феъл аз А.-ҳои бахши калимасозӣ дар он аст, ки дар А.-ҳои феъл пешванду пасвандҳои феълсоз иштирок намекунанд. Агар онҳо илова шаванд, А.-и феъл чун А. аз байн меравад. Мас., вожаҳои намерафтам, намеравам аз ду пешванд ва анҷомаи (бандак)-и феълӣ иборатанд, ки дар онҳо танҳо рафт ва рав А. ҳисобида мешаванду халос.

Ад.: Маъсумӣ Н., Феъл, дар кит.: «Асарҳои мунтахаб», ҷ. 2, Д., 1980; Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ. 1, Д., 1985.

Ш. Бобомуродов, С. Исматов.

«АСО́С-УЛ-ИҚТИБО́С», асари Насируддини Тусӣ дар илми мантиқ, ки с. 1245 ба забони форсии дарӣ таълиф гардидааст. «А.» аз 9 мақола иборат буда, тамоми қисмҳои мантиқи анъанавӣ (шаклӣ)-ро фаро мегирад. Мувофиқи он «илми мантиқ шинохтани маъниҳоест, ки аз он маъонӣ расидан ба анвои улуми муктасаб мумкин бошад». Бинобар ин муаллиф пеш аз ҳама ба таҳлили моҳияти мафҳум (лафз) пардохта (мақолаи якум), исбот мекунад, ки лафз аломатест барои ифодаи маънӣ. Вале ин ақидаи ӯ аз истилоҳгароӣ дур аст, зеро лафзҳо бо ёрии маънӣ ба ашёву ҳодисаҳо далолат карда, инъикоси айнӣ ё хаёлии онҳо мебошанд. Аз ин ҷиҳат таълимоти Тусӣ дар бораи мафҳум ва мақулоти ашара – категорияҳои даҳгона (мақолаи дуюм) ҷанбаи воқеъбинона дорад ва тамоюли моддигароёни мантиқи ӯро муайян мекунад. Дар назариёти Тусӣ доир ба қазия (ҳукм) ва қиёс – силлогизм (мақолаҳои сеюму чорум) усули ифодаи шаклии ҳодисаҳои мантиқӣ беш аз пеш такмил ёфта, тарзи ифодаи риёзии онҳо пешниҳод шудааст: «касонеро, ки бо риёзӣ илме бувад, бо ин баён осонтар тасаввур кунанд». Дар «А.» масъалаҳои моҳияти бурҳон, навъҳои он, шароити муқаддимоти он, таносуби вай бо ҳад, расм, мисол, истиқроъ ва қиёс барин санъатҳои мантиқӣ (мақолаи панҷум) муфассал баён шудаанд. Тусӣ ҷадал – диалектика ва суфистиқо – софистикаро (мақолаи шашуму ҳафтум) низ аз санъатҳои мантиқӣ медонад. Вале, агар ҷадал санъати бо роҳи муколама ва мубоҳиса ба даст овардани ҳақиқат бошад, суфистиқо санъати қасдан ба кор бурдани ҳилаҳои мантиқиест, ки ҳақро ботил, ботилро ҳақ нишон медиҳад. Ҷадал санъати ҳақиқии мантиқӣ, суфистиқо санъати гумонӣ ва хаёлист. Донистани ҷадал барои кашфи ҳақиқат, донистани суфистиқо барои аз хатоҳои мантиқӣ барҳазар будан ва фош кардани ҳилаҳои мантиқии суфистоиён зарур аст. Тусӣ аз рӯи анъана хитоба ва шеърро (мақолаи ҳаштуму нӯҳум) аз фаслҳои мантиқ медонад, вале онҳо аслан мавзӯъҳои мантиқӣ нестанд. Дар «А.» як даста масъалаҳои муҳими назарияи дониш низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: моҳияти дониши ҳиссию ақлӣ, иктибосию ғайрииқтибосӣ, ҳақиқат ва навъҳои он аз ҳамин қабиланд. Дар натиҷаи таҳлили ин масъалаҳо вай ба чунин хулосаи муҳими диалектикӣ расидааст: «маърифати чизҳо амре нест, ки ҳусули он дафъати воҳида бошад, бал онро маротиб аст дар қуввату заъф ва вузӯҳу хуфо ва хусусу умум ва камолу нуқсон». «А.» дар такомули забони тоҷикӣ, алалхусус истилоҳоти фалсафию мантиқӣ нақши муҳим бозидааст. «А.»-ро Рукнуддин Муҳаммад ибни Алии Астарободӣ (а. 14) ба арабӣ тарҷума кардааст. Бо унвони «Асосул-иқтибос» ду асари дигар (яке аз Ихтиёруддин ибни Саидғиёсуддини Ҳусайнӣ, ки маҷмӯаест мунтахаб аз Қуръони Карим, ҳадис ва назму насри арабӣ ва с. 1907 дар Қоҳира ба табъ расидааст, дигарӣ аз Мирзо Зоҳид ва Ҳайдари Қазвинӣ дар аҳволи шоҳ Аббоси Сонии Сафавӣ) низ мавҷуд аст, ки набояд онҳоро бо «А.»-и Тусӣ яке донист.

Ад.: Диноршоев М., Философия Насируддина Туси, Д., 1968. *М. Диноршоев.*

ИХТИСОРАҲОИ АСОСӢ

а. – аср(и)
авв. – аввал(и)
авг. – август(и)
Ад. – адабиёт (дар библиография)
АИ – Академияи илмҳо
акад. – академик
англ. – англисӣ
АМИТ «Ховар» – Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»
апр. – апрел(и)
ар. – арабӣ
атм. – атмосфера
а. ш. – арзи шимолӣ
а. ҷ. – арзи ҷанубӣ
библ. – библиография
ВАО – Васоити ахбори омма
ваф. – вафот
вил. – вилоят
ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ
ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ
ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
г. – газета
губ. – губерния
гул. – гулӯгоҳ
Ғ. – Ғарб
ғ. – ғайра
д. – дарё (пеш аз ном)
Д. – Душанбе (дар библиография)
дек. – декабр
диг. – дигар, дигарон
ДАТ – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ДДСТ – Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон
ДДТТ – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ДИТ – Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон
ДСРТ – Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон
з-д – завод
ИК – Иттифоқи композиторон
ИК. – Иттифоқи кинематографистон
ибт. – ибтидо(и)
ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (СНГ)
ИЖ – Иттифоқи журналистон
ИЗА – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИМ – Иттифоқи меъморон
ИН – Иттифоқи нависандагон
ин-т – институт
ИР – Иттифоқи рассомон
исп. – испанӣ
итал. – италиявӣ
ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ
к. а. м. – коэффитсиенти амали муфид
КА – Кодекси андоз
КГ – Кодекси гражданӣ
к-з – колхоз
кит. – китоб (дар библиография)
КМТ – Комиссияи машваратии тиббӣ
КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
КНО – Кодекси никоҳ ва оила
комб. – комбинат
коэф. – коэффитсиент
КҶ – Кодекси ҷиноятӣ
қ. – қулла
қ-кӯҳ. – қаторкӯҳ
ҚЭҲ – Қувваи электрҳаракатдиҳанда
ҚҲБ – Қӯшунҳои ҳарбии баҳрӣ
ҚҲҲ – Қӯшунҳои ҳарбии ҳавоӣ
Л. – Ленинград (дар библиография)
лаб. – лаборатория
лот. – лотинӣ
ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ
М. – Москва (дар библиография)
м. – милод(ӣ)
мас. – масалан
масоҳ. – масоҳат, масоҳаташ
маҷ. – маҷалла
маҷм. – маҷмӯа
млн – миллион
млрд – миллиард
мол. – молекула
НАТО – Ташкилоти Муоҳидаи Атлантикаи Шимолӣ
нем. – немисӣ
НКХХ – Намоишгоҳи комёбиҳои хочагии халқ
ниг. – нигаред
нимҷаз. – нимҷазира
ноҳ. – ноҳияи, ноҳияҳои
окт. – октябр
ос. – осор (дар библиография)
ох. – охири
проф. – профессор
реж. – режиссёр
р. о. – роҳи оҳан
РСС Тоҷ. – Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон
с. – сол (солҳои)
саҳ. – саҳифа
с. б. – сатҳи баҳр
сент. – сентябр
с-з – совхоз
САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (Европа)
С.-Пб. – Санкт-Петербург (дар библиография)
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай (ШОС)
СССР – Союз Советских Социалистических Республик (ИҶШС)
Т.– Теҳрон (дар библиография)
тав. – таваллуд
тақр. – тақрибан
тарҷ. – тарҷума
ТВТ – Телевизиони Тоҷикистон
ТВС – Телевизиони «Сафина»
ТМТ – Телевизиони Мустақили Тоҷикистон
т. ш. – тӯли шарқӣ
т. ғ. – тӯли ғарбӣ
УДТ – Университети Давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)
фак-т – факултет
февр. – феврал
ф-ка – фабрика
франс. – франсавӣ
Х.– Хуҷанд (дар библиография)
ҳ. ш. – ҳиҷрии шамсӣ
ҳ. қ. – ҳиҷрии қамарӣ
ҳарор.– ҳарорат(и)
ҳоз. – ҳозира
ҳукмр. – ҳукмронӣ
Ҷ. – Ҷануб
ҷан. – ҷанубӣ
ҷ. – ҷилд
ҷаз. – ҷазира
ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ
ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон
ҶИА – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон
ҶММ – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд
ҶСК – Ҷамъияти саҳҳомии кушода
ҶСП – Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҶФГ – Ҷумҳурии Федеративии Германия
ҶХБ – Ҷумҳурии Халқии Булғория
ҶХВ – Ҷумҳурии Халқии Венгрия
ҶХДК – Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея
ҶХМ – Ҷумҳурии Халқии Муғулистон
ҶХП – Ҷумҳурии Халқии Полша
ҶХСА – Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Албания
ҶХХ – Ҷумҳурии Халқии Хитой
Ш. – Шарқ
ш. – шаҳр
Шим. – Шимол
шим. – шимолӣ
ШКХ – Шӯрои Комиссарони Халқ
ШКД – шӯъбаи корҳои дохилӣ
ШМА – Штатҳои Муттаҳидаи Америка
ЭМТ – Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
ЭСТ – Энсиклопедияи Советии Тоҷик
ЮНЕСКО – Ташкилоти СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг
юн. –юнонӣ
ЮНИСЕФ – Фонди фавқулодаи ёрӣ ба кӯдакони назди СММ
ЮСАИД – Агентии ШМА оид ба рушди байналмиллалӣ
янв. – январ

ПРЕФИКСҲОИ ҲОСИЛКУНАНДАИ ВОҲИДҲОИ КАРАТӢ

а – атто… (10^{-18})
г – гекто… (10^{2})
Г – гига… (10^{9})
да – дека… (10)
д – детси… (10^{-1})
к – кило… (10^{3})
М – мега… (10^{6})
мк – микро… (10^{-6})
м – милли… (10^{-3})
н – нано… (10^{-9})
П – пета… (10^{15})
п – пико… (10^{-12})
с – санти… (10^{-2})
Т – тера… (10^{12})
ф – фемто… (10^{-15})
Э – экса… (10^{18}

ИХТИСОРОТИ ВОҲИДИ БУЗУРГИҲО

А – ампер
Å – ангстрем
ат – атмосфераи техникӣ
атм – атмосфераи физикӣ
Б – бел
Бк – беккерел
В – волт
В·А – волт-ампер
вар – волт-ампери реактивӣ
в.а. – воҳиди астрономӣ
в.а.м. – воҳиди атомии масса
Вб – вебер
Вт – ватт
г – грамм
га – гектар
Гн – генри
гПа – гектопаскал
Гр – грэй
Гс – гаусс
дақ. – дақиқа
дБ – детсибелл
дптр – диоптрия
Зв – зиверт
К – келвин
кВт – киловатт
кг – килограмм
кд– кандела
Кл – кулон
км – километр
қ.а. – қувваи асп
л – литр
лк – люкс
лм – люмен
м – метр
мбар – миллибар
МВт – мегаватт
МПа – мегапаскал
Н – ниютон
нм – нанометр
Нп – непер
Па – паскал
пк – парсек
Р – рентген
рад – радиан
^{0}С – градуси Селсий
с – сония
См – сименс
ср – стерадиан
с.р. – соли рӯшноӣ
т – тонна
т·км – тонна-километр
Тл – тесла
Ф – фарада
Ҳс – ҳертс
Ҷ – ҷоул
эВ – электронволт

САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

Редаксияи Адабиёт, забон ва фолклор: ДИЛОВАРОВ М. (мудири редаксия), МАҲМАДУЛЛОЕВ Ф. (муҳаррири пешбар), СОЛИЕВ Ҳ. (муҳаррир), РАУФОВА А. (оператори компютер).
Редаксияи Биология, химия, тиб ва кишоварзӣ: ТОШЕВ А. Р. (мудири редаксия), МИРЗОЕВА М. (муҳаррири пешбар), САМИЕВ М. (муҳаррир), МӮМИНШОЕВ Д. (оператори компютер).
Редаксияи Иқтисодиёт ва география: ШАРИФОВА М. (мудири редаксия), ТОШЕВА Ш. (муҳаррири пешбар), ЗАФАРОВ А. (муҳаррир).
Редаксияи Назорати илмӣ ва таҳрири адабӣ: ШАРИПОВ Н. (мудири редаксия), ҲАЗРАТҚУЛОВ М. (муҳаррири пешбар), МИРАКОВ Ҳ. О. (библиограф-унификатор).
Редаксияи Таърих фалсафа, дин ва ҳуқуқ: ОЛИМОВА Ш. (муҳаррири пешбар), ДОДОВ Н. (муҳаррир), ҶОБАТШОЕВА У. (оператори компютер).
Редаксияи Фарҳанг, маърифат, корҳои ҳарбӣ, варзиш ва туризм: НАЗАРМАМАДОВ Ё. (муҳаррири пешбар), РАҶАБОВ А. (муҳаррир), ДАВЛАТОВА С. (оператори компютер).
Редаксияи Астрономия, физика, математика ва техника: ХОЛОВ М. Ш. (мудири редаксия), СОДИҚОВА С. Ҳ. (муҳаррири пешбар), ҚОЗИҶОНОВА Н. (муҳаррир),
Шӯъбаи комплектатсия ва саҳифабандӣ: АЗИЗОВ М. (муҳаррири пешбар), САДИРОВ Ҳ. (муҳаррир-харитасоз), МУХТАРОВ Б. (дизайнер).
Шӯъбаи муҳосиба: СИРОҶИДДИНОВА С. (сармуҳосиб), МАҲМУДОВА М. (иқтисодчӣ).
Шӯъбаи кадрҳо: РАҲМАТОВА Ш. (мудири шӯъба).
Китобдор: ҒАФУРОВА З.
Хоҷагидор: АМИРШОЕВ Н.

Э-67 Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
ҷилди I (А – Асос). Душанбе, 2011. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. 608 саҳ. бо тасвирҳо.

УДК 03
ББК 92Я2.
Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ.

ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК
ҶИЛДИ I

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. Душанбе, 2011
(734018, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев, 17).
Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги ҶТ № 003/ нш аз 12. 10. с. 2011.

Ба чопаш 05. 07. 2011 имзо шуд. Андозааш 84×108 1/16. Коғази офсетии № 1. Гарнитураи Times New Roman tj. Чопи офсет. 38 ҷузъи чопии аслӣ. 63,84 ҷузъи чопии шартӣ. 94,15 ҷузъи нашрию ҳисобӣ. 5000 нусха. Нархаш шартномавӣ.

Дар Комбинати полиграфии ҶММ «Корпоратсияи Атамура»-и Ҷумҳурии Қазоқистон чоп шудааст, 050002, ш. Алмаато, кӯчаи Макатаев, 41.

Барои яклухт харидани китобҳо ба Корхонаи воҳиди давлатии таъминот ва савдои «Китоб», 734018, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев, 17, тел. (992 37) 233 63 01 муроҷиат намоед.

ISBN 978-99947-33-45-3